7163

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
КОМИТЕТИ ДАВЛАТИИ СОВЕТИ ВАЗИРОНИ РСС ТОҶИКИСТОН
ОИД БА КОРҲОИ НАШРИЁТ, ПОЛИГРАФИЯ ВА САВДОИ КИТОБ

ЭНЦИКЛОПЕДИЯИ СОВЕТИИ ТОҶИК

САРМУҲАРРИРИ ИЛМИ М. С. ОСИМӢ
САРМУҲАРРИР А. С. САЙФУЛЛОЕВ

ҲАЙАТИ АСОСИИ ТАҲРИРИЯ:

АБДУНАЗАРОВ А. А., АДҲАМОВ А. А., АШУРОВ Ғ. А., БАРОТОВ Р. Б., БОБОҶОНОВ П. Б., ГАДОЕВ Ҳ. Г., ДОДОБОЕВ Р. Д., ИСКАНДАРОВ Б. И., ИСҲОҚӢ Ю. Б., КАПУСТИН И. Д., МАНИЁЗОВ А. М., МАНСУРОВ Ҳ. Ҳ., МАХСУМОВ А. Н., МАҲКАМОВ Қ. М., НАЗАРОВ М. Н., НАРЗИҚУЛОВ М. Н., НОСИРОВ Ю. С., НУРҶОНОВ Н. Ҳ., НӮЪМОНОВ Э. У., РАҲИМОВ Р. К., РАҲМАТОВ И. Р. (Котиби масъул), РАҶАБОВ З. Ш., РАҶАБОВ С. А., САИДМУРОДОВ Ҳ. М., САЙФИДДИНОВ Ш., СОЛОЖЕНКИН П. М., СТАНЮКОВИЧ К. В., ТАБАРОВ С. Ш., ТУРСУНЗОДА М. Т., ХУШВАҚТОВ Х. Д., ШУКУРОВ М. Ш., ЮСУФБЕКОВ Р. Ю., ЮСУФБЕКОВ Х. Ю., ҒАФУРОВ Б. Ғ., ҒАФФОРОВА М. Қ., ҒУЛОМОВ М. Ғ., ҚАЛАНДАРОВ И. Қ., ҲАКИМОВА С. Ҳ., ҲОҶИЕВ А. Д. (Ҷонишини сармуҳаррир), ҶУМОНҚУЛОВ Ҳ. Ч., ҶӮРАЕВ А. Ч., ҶӮРАЕВ Қ. Ш.

ЦЕНТРАЛЬНАЯ БИБЛИОТЕКА
ИНВ. № 3852

1

А — ГАВҲАР

САРРЕДАКЦИЯИ ИЛМИИ ЭНЦИКЛОПЕДИЯИ СОВЕТИИ ТОҶИК
ДУШАНБЕ — 1978

03
Э 67

Китобхонаи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба
номи Ҷ. Фирдавсӣ
03

© САРРЕДАКЦИЯИ ИЛМИИ ЭНЦИКЛОПЕДИЯИ СОВЕТИИ ТОҶИК.

МУҚАДДИМА

Ба шарофати ғалабаи Революцияи Кабири Социалистии Октябрь ва тантанаи сиёсати миллии Партияи Коммунистӣ дар мамлакати советӣ халқи тоҷик на танҳо аз зулму асорати чандинасраи феодалӣ комилан озод гардид, балки инчунин қувваҳои эҷодии худро ба кор андохта, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, иқтисодиёт, илму техника, маданият ва санъат комьёбиҳои бузурги таърихӣ ба даст овард. Энциклопедияи Советии Тоҷик (ЭСТ), ки мувофиқи қарори Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон ва Совети Вазирони республика нашр мешавад, зуҳуроти дурахшони ин ҳама муваффақиятҳои халқ ба ҳисоб меравад.

ЭСТ дар пояи принципҳои энциклопедияи ватанӣ, пеш аз ҳама, Энциклопедияи Калони Советӣ (БСЭ), инчунин дар асоси омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи қомуснигорони республикаҳои бародар ба вуҷуд оварда мешавад. Вай тақрибан 35 ҳазор мақоларо дарбар мегирад. Қисми асосии мақолаҳо доир ба Тоҷикистон буда, дар онҳо таърихи республика, география, иқтисодиёт, илму техника, маданият, адабиёту санъат, ҳаёт ва фаъолияти шахсони бузург, ходимони барҷастаи ҷамъият, арбобони намоёни партия, давлат, илму маърифат, адибон ва санъатвaрони машҳур, Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ ва Меҳнати Социалистӣ акс хоҳад ёфт. Дар ЭСТ таърихи халқи тоҷик ва он саҳме, ки ӯ аз замонҳои қадим то имрӯз дар инкишофи тамаддуни башар гузоштааст ва мегузорад, роҳи меҳнаткашони мо ба Революцияи Октябрь ва муборизаи онҳо барои мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ, сохтмони социалистӣ ва коммунистӣ дар мамлакат инъикос меёбад. ЭСТ фаъолияти роҳбарию сафарбаркунандаи КПСС-ро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти советӣ дарбар мегирад. Дар он таҷрибаи таърихӣ ва марҳилаи ҳозираи ҳаракати байналхалқии коммунистӣ, коргарӣ ва миллию озодихоҳӣ, масъалаҳои муҳим ва инкишофи минбаъдаи назарияи марксистӣ-ленинӣ — фалсафа, иқтисоди сиёсӣ ва коммунизми илмӣ инъикос хоҳанд ёфт. ЭСТ ба процесси қонунии тараққӣ ва қаробати халқҳои СССР ва хоҷагии халқи мамлакат, комьёбиҳои барҷастаи илми муосир, таъсири мутақобил ва ҳамдигарро бой кардани илму маданият ва адабиёту санъати республикаҳои бародар аҳамияти калон медиҳад. Бинобар ин, ЭСТ мазмуну моҳияти интернационалӣ касб карда, дар роҳи ташаккули умумияти нави таърихии одамон — халқи советӣ ва мустаҳкаму пойдор гардидани ягонагии маънавию сиёсии миллату халқиятҳои социалистӣ ёрӣ хоҳад кард.

Материалҳое, ки комьёбиҳои ҳаёти моддӣ ва маънавии республикаҳои Иттифоқи Советиро инъикос мекунанд, дар ЭСТ мавқеи муҳим ишғол менамоянд. Дар айни замон, ЭСТ хонандагони тоҷикро бо ҳаёти мамлакатҳои социалистӣ ва демократияи халқӣ, бо муҳимтарин воқеаҳои ҷаҳон, ҳаракати байналхалқии коммунистӣ ва коргарӣ, бо муборизаи мардумони кишварҳои хориҷа дар роҳи озодӣ, сулҳ, демократия ва социализм, ҳамчунин бо соҳаҳои гуногуни илму маданияти ҷаҳонӣ ва намояндаҳои маъруфи он шинос мекунад. Аз ин рӯ, ЭСТ хусусияти регионалӣ ва универсалӣ дорад.

Вазифаҳои ЭСТ бо ин тамом намешаванд. Як қисми муҳимми мақолаҳои он торафт мустаҳкам шудани системаи ҷаҳонии социализм ва рӯ ба таназзул овардани мамлакатҳои капиталистӣ, афзалияти сохти социалистиро нисбат ба дуньёи эксплуататсиялии капиталистӣ нишон медиҳад. Вобаста ба ин, дар ЭСТ танқиди идеологияи буржуазӣ, антикоммунизм, ревизионизм ва дигар ҷараёнҳои иртиҷоӣ мавқеи намоён ишғол мекунад. Ба ҳамин тариқ, ЭСТ маълумотҳои муҳиммеро доир ба лагери социализм ва муборизаи музаффаронаи он дар роҳи идеалҳои коммунистӣ, таърихи нав ва навтарини дуньё дарбар мегирад.

Бояд гуфт, ки адади калимаҳои эзоҳталаби забони тоҷикӣ хеле бисьёр аст. Аммо ЭСТ, ки бояд дар шаш ҷилд нашр гардад, ҳамаи онҳоро дарбар гирифта наметавонад. Шарҳу тафсири истилоҳоти нисбатан маҳдуди соҳаҳои гуногуни илму ҳунар то нашри энциклопедияҳои махсуси соҳавӣ мавқуф гузошта мешавад.

Дар ЭСТ шарҳу тафсири ибора ва истилоҳоти наве, ки дар натиҷаи тараққиёти сохти социалистӣ, илм, техника, саноат ва ҳаёти сиёсии ҷамъият ба майдон омадаанд, пурратар инъикос ёфтаанд. Баъзе истилоҳ ва таъбирҳое, ки дар шакли ғалат маъмуланд, ба қадри имкон ислоҳ гардиданд.

Ҳангоми муқаррар кардани ҳаҷми мақолаҳои энциклопедия ҳамин ҳам ба назар гирифта шуд, ки дар онҳо факту рақамҳо, маълумот ва хулосаҳои зарурӣ бояд мухтасаран шарҳу баён ёбанд.

Дар мавридҳои зарурӣ, вобаста ба аҳамияти мавзӯъ фехрист, тасвир, нақша ва харита ҷой дода шудааст.

Сарредакцияи илмии ЭСТ дар ибтидои фаъолияти худ ба ёрии аҳли ҷамоат мурочиат намуд. Лоиҳаи луғатномаи нашри мазкур ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои партиявӣ, давлатӣ, иттифоқҳои касаба ва комсомолӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, донишкадаҳои олӣ, нашриёт, редакцияҳои газета ва журналҳо, китобхонаҳо, музейҳо ва мутахассисони чудогонаи ҳамаи соҳаҳои илму фарҳанг, инчунин ба ҳамаи республикаҳои иттифоқӣ фиристода шуда буд. Луғатнома мавриди муҳокимаи васеи аҳли ҷамъият қарор гирифт. Мувофиқи таклифоти мутахассисон як қатор калимаю истилоҳот аз луғатнома хориҷ ва қисме дохил карда шуд. Дар натиҷа, луғатнома бо истилоҳоте, ки дараҷаи илми ҳозираро инъикос мекунад, ғанитар

шуд. Сарредакция ба ҳамаи онҳое, ки дар муҳокимаи луғатнома иштирок карда, маслиҳатҳои судманд доданд, изҳори ташаккур менамояд.

Тамоми материалҳои ҷилди якумро низ аъзоёни ҳайати таҳририя, советҳои илмии таҳририя соҳавӣ ва мутахассисони ҷудогонаи соҳаҳои гуногуни илм хонда маъқул ёфтаанд ва ба чоп тавсия кардаанд. Тартиби тайёр кардани ҷилдҳои минбаъдаи ЭСТ низ бо ҳамин усул идома хоҳад ёфт.

ЭСТ барои омми васеи хонандаҳо нашр мешавад ва характери илмию оммавӣ дорад. Аз баски нашри чунин асар таҷрибаи нахустин аст, аз баъзе камбудиҳо низ холӣ нахоҳад буд.

Аз хонандаҳои мӯҳтарам хоҳишмандем, ки ҳамаи қайду таклифҳои худро дар бораи ҷилдҳои ЭСТ ба адреси зерин фиристанд:

ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.

Сарредакцияи илмии Энциклопедияи Советии Тоҷик.

ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ

Мақолаҳо дар энциклопедия бо тартиби алифбо ҷойгир шудаанд. Агар номи мақола аз ду ё чанд калима таркиб ёфта бошад, тартиби алифбои дохилии ин гуна ибора ё номҳои таркибиро нахустин калимаи онҳо муайян мекунад. Масалан, мақолаи **АСПИРАЦИЯ** пас аз мақолаи **АСПИ ҚИРҒИЗӢ** ва **АЛИИЛОҲИЁН** пас аз **АЛИИ ШАТРАНҶӢ** меояд.

Моддаи асосии энциклопедӣ (номи мақола) бо ҳуруфоти сиёҳи дурушт чида шуда, ба мақсади дуруст талаффуз кардани он бар ҳиҷои заданок аломати зада (') гузошта шудааст. Дар мақолаҳои тарҷуманҳолии ЭСТ фамилия ҳамчун моддаи асосӣ бо ҳуруфоти сиёҳи дурушт, аммо ном, номи падар, куния бо ҳуруфоти муқаррарӣ меояд: **НАРЗИҚУЛОВ** Муҳаммадқул Нарзиқулович, **ПАВЛОВСКИЙ** Евгений Никанорович. Агар шахс бо номи ҳуд, тахаллус ё лақабаш шӯҳрат дошта бошад, бо ҳамин номи машҳураш ҷой дода шудааст. Масалан: **ДОМУЛЛОҲАЛИМ** Ибодов, **СОДИРХОН** Бобошарифов, **АБДУЛЛОҲИ МАРВОРИД** Хоҷа Шаҳобуддин, **ҲОФИЗ** Шамсуддин Муҳаммади Шерозӣ, **ЛОҲУТӢ** Абулқосим Аҳмадзода. Ашхосе, ки бо номи таркибӣ шӯҳрат доранд (мисли Ҷек Лондон, Ҳаким Карим), мувофиқи қоидаи энциклопедия он ҳиссаи таркибии ном, ки ба падарашон мутааллиқ аст, дар ҷои аввал ва исми худашон дар ҷои дуюм гузошта шуд. Чунончи: **ЛОНДОН** Ҷек, **КАРИМ** Ҳаким.

Дар мақолаҳои доир ба ашхос пас аз фамилия, ном, номи падар, кунияи дар қавсайн сана, маҳалли таваллуд ва фавт оварда мешавад: **АБДИБЕКИ ШЕРОЗӢ** Хоҷа Зайнулобидин Алии мутахаллис ба Навидӣ (1515, Шероз — 1580, Ардабил). Агар аз ин санаҳо яке ё ҳар ду номаълум бошад, дар қавсайн дар ин хусус ишора меравад: **АБУЛҲАСАНИ НАСАВӢ** (с. тав. номаълум — ваф. такр. 1030). Ҷое ки ба маҳалли таваллуд ё вафот ишорате нарафтааст, далолат бар он мекунад, ки чунин маълумот аз маъхазҳои мавҷуда пайдо нашудааст.

Олимон ва ҳакимони Юнони Қадим, ки дар адабиёти араб ва форс-тоҷик бештар дучор меоянд, бо ҳамон номе, ки дар байни халқ шӯҳрат ёфтаанд, оварда шуда, номи аслиашон дар қавсайн дода мешавад: Афлотун (Платон); Луқмон (Алкмеон). Айни ҳамин қоида дар иқтибосҳое, ки аз маъхазҳои пешазреволюционӣ гирифта шудаанд, риоя мегардад. Аммо агар ин олимон дар байни омма бо номи муарраби ҳуд чандон шӯҳрат надошта бошанд ё кам одамон номи онҳоро шунида бошанд, аввал номи юнониашон ва дар қавсайн номи муарраби онон оварда мешавад: Гиппократ (Буқрот), Гален (Ҷолинус, Ҷолюнус); Птолемей (Батлимус), Пифагор (Файсоғурис).

Баъзе номҳои ашхос мувофиқи мазмун ва хусусияти фонетикии забони тоҷикӣ то андозае тағйир дода шуданд, чунончи: Авезов (на Ауэзов), Абдулло Тӯқай (на Габдулла Тукай), Оқчурин (на Акчурин). Аммо он номҳои ашхоси муосир, ки чи дар гуфтугӯ ва чи дар ҳуҷҷатҳо таҳриф шудаанд, дар ЭСТ мувофиқи паспорти ҳамон ашхос сабт мегарданд, масалан, Авгонова (на Афгонова), Мадкарим (на Муҳаммадкарим), Абдулло (на Абдуллоҳ), Абдурашид (на Абдуррашид), Бадриддин (на Бадруддин).

Дар мавридҳои зерин алифбои арабӣ меояд:

-пас аз моддаи асосии мақолаи регионалии доир ба ашхос ва воқеаҳои таърихӣ, ибораю истилоҳҳо ва номи асарҳо, ки дар маъхазҳо ба ҳуруфоти арабӣ маълумот мавҷуд аст: **АБДУЛАЗИЗ** عبدالعزیز ибни Шарафуддин, **АБҶАД** ابجد; **ИСЬЁНИ МУҚАННАЪ** مقنع عصیان; **«ҒИЕС-УЛ ЛУҒОТ»** غیاث اللغات;

-ҳангоми шарҳ додани калимаҳое, ки решаи арабӣ доранд: **АЗОИМХОНӢ** аз ар. عزائم ҷамъи عزیمت ва хондан, Алманах (ар. المناخ — тақвим);

-дар матн, дар мавридҳои зарурӣ барои ифодаи фонемаҳо ва таъбирҳое, ки ба алифбои арабиасос хосанд: خاک قبر بهزاد — таърихи фавти Бехзод, ки ба ҳисоби абҷад 942 мешавад.

-дар библиография асарҳое, ки ба ҳуруфоти арабӣ мавҷуд буда, ба ҳуруфоти имрӯзаи тоҷикӣ чоп нашудаанд: دولتشاه سمرقندی، تذکرة الشعرا، تهران، ۱۳۰۷؛ مطلع العلوم و مجمع الفنون، ۱۸۲۷

Барои он ки як қисми ҷилдҳои ЭСТ мувофиқи синтаксиси забони тоҷикӣ ва мутобиқи алифбои имрӯза қатор-қатор фақат аз рӯйхати республикаҳои иттифоқӣ, автономӣ, вилоятҳо, шаҳрҳо, кӯҳҳою дарёҳо, қаторкӯҳҳо, ҷазираҳо ва г. ибораҳо нашавад, номи ҳоси онҳо ба сифати моддаи энциклопедӣ дар ҷои аввал гирифта шуд. Масалан кӯҳи Боботоғ не, балки **БОБОТОҒ**, кӯҳ; **УКРАИНА**, Республикаи Советии Социалистӣ; **ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН**, Вилояти Автономии Советии Социалистӣ; **ЛЕНИНОБОД**, вилоят; **ЛЕНИНОБОД**, шаҳр.

Як қатор мақолаҳо, масалан, мақолаҳои доир ба давлатҳо, республикаҳо, кишварҳо ва г. аз чанд боб иборат буда, ҳар боб зери сарлавҳачаи алоҳида дода шудааст. Мақолаҳо дар энциклопедия асосан дар шакли танҳо меоянд: **КИТОБ, АДАДИ АЛГЕБРАВӢ.** Агар ҳоианда калима ё ибораи дилхоҳашро дар шакли танҳо наёбад, онро бояд дар шакли ҷамъ ҷустуҷӯ намояд, зеро ки баъзе истилоҳот ва ибораҳо мувофиқи терминологияи илмӣ дар шакли ҷамъ маъмуланд: **АГРОФИТОЦЕНОЗҲО, АДАДҲОИ КОМПЛЕКСӢ.**

Калимаҳое, ки пас аз моддаи асосӣ (номи мақола) бо яккаҳарфҳо (разрядка) омадаанд, синоним, муродиф ё таъбири дигари маъмули ҳамон ном ё ибораанд, ки бо ҳуруфоти дурушти сиёҳ чида шудаанд. Масалан, **ГУЛҚАНД**, г у л а н г у б и н, г у л ш а к а р, ҷ у л а н ҷ у б и н. **АГРОФИЗИКА**, ф и з и к а и а г р о н о м и.

То он ҷое, ки имкон дошт, дар бораи этимологияи (пайдоиши) калимаҳое, ки дар таркиби моддаи асосӣ омадааанду аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ дохил гардидаанд, маълумоти мухтасар дода шуд. Дар мавридҳои ҷудогона, агар номҳои географӣ (масалан, номи шаҳр, дарьё, баҳр ва г.) аҳамияти таърихӣ дошта бошад, низ маълумоти этимологӣ дода мешавад. Дар сурати пайдарҳам омадани моддаҳои асосие, ки калимаҳояшон аз як реша пайдо шудаанд, маълумоти этимологӣ дар яке аз онҳо, одатан дар мақолаи аввал, меояд. Пас аз номи мақолаҳои доир ба ашхоси хориҷӣ, объектҳои географӣ, нашрия ва агентиҳо, монополияҳо, банкҳо ва дигар номҳои мамлакатҳое, ки алифбоашон ба ҳуруфоти лотинӣ асос ёфтааст, тарзи навишти ин номҳо мувофиқи талаффузи мардуми он мамлакат ба ҳуруфоти лотинӣ оварда мешавад. Аммо номҳои хориҷии мансуб ба забонҳое, ки алифбоашон ғайрилотинист (ҳиндӣ, хитой, японӣ ва г.), аз ин қоида мустасноанд. Истилоҳ ва ибораҳои мутааллиқ ба Юнони Қадим на бо ҳуруфоти юнонӣ, балки мувофиқи системаи қабулшудаи энциклопедия пас аз моддаи асосӣ дар қавсайн ба ҳуруфоти лотинӣ навишта мешаванд. Ғайр аз ин, номи ба забони илмӣ маъмули ҳайвонот, растаниҳо (дарахтон, гулҳо, обсабзҳо ва г.), беморихо, дорухо, илмҳо ва соҳаҳои илм, формула, элемент ва моддаҳои химиявӣ, ки аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ дохил гардидаанд, дар баробари ҳуруфоти имрӯза ба ҳуруфоти лотинӣ низ навишта мешаванд.

Санаҳо асосан бо солшумории милодӣ (тақвими пави Григорий) меоянд. Санаҳое, ки ба давраи пеш аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь тааллуқ доранд, низ ба санаи нав гардонда шуданд, ки аз тақвими кӯҳнаи Юлий 13 рӯз фарқ доранд. Инчунин хонанда дар ЭСТ бо ду навъ солшумории ҳиҷрӣ — ҳиҷрии қамарӣ (мухтасараш ҳ.) ва шамсӣ (мухтасараш ҳ. ш.) дучор мегардад. Аксари санаҳои муҳиме, ки бо солшумории ҳиҷрии қамарӣ омадаанд, дар қавсайн ба санаи милодӣ низ гардонда шуданд. Аммо солҳои шамсӣ асосан дар қисми библиография мутобиқи санаи нашри китоб ё дигар маъхазҳо омадаанд.

Тасвирҳо (сурат, расм, харита, диаграмма, схема ва г.) асосан дар дохили мақолае, ки марбутанд, ҷой дода мешаванд. Дар мавридҳои ҷудогона, алалхусус тасвироти ранга, дар варақи алоҳида ба тариқи замима (вклейка) оварда шуда, дар мақола ба онҳо ишора мегардад. Масалан, дар охири мақолаи Алоча: тасвирро нег. дар сах. 96—97.

Барои он ки хонанда дар мавзӯи матлубаш маълумоти пурратар пайдо карда тавонад, дар ЭСТ системаи ҳаволаҳо қабул шудааст. Номи мақолае, ки ба он ҳавола меравад, бо ҳуруфоти *шикаста* (курсив) чоп гардидааст. Яъне истилоҳҳо ё ибораҳое, ки бо ҳуруфоти шикаста чида шудаанд, мақолаи мустақил буда, хонанда дар ЭСТ таҳти ҳамин ном маълумоти иловагӣ дарьёфта метавонад. Иқтибосҳо аз асарҳои классикони марксизм-ленинизм мутобиқи нашри тоҷикӣ ва нашри навтарини русии онҳо оварда шудаанд.

Дар энциклопедия як қатор калима ва ибораҳое, ки зуд-зуд такрор мешаванд, дар шакли мухтасар меоянд, то ки ҷой сарфа шуда, маълумоти бештар гунҷоиш ёбад. Рӯйхати калимаҳои мухтасар (ихтисораҳо), ки барои нашри Энциклопедияи Советии Тоҷик қабул шудааст, дар охири китоб чоп гардидааст. Ғайр аз он, дар дохили ҳар мақола, агар номи он мақола, ки бо ҳуруфоти дурушти сиёҳ чоп шудааст, такрор ёбад, дар шакли мухтасар (ҳарфи нахустини он калима ё калимаҳои асосӣ) ишора мешавад. Масалан: дар мақолаи **АВСТРАЛИЯ** мухтасари он бо ҳарфи А., дар мақолаи **АДАБИЁТИ БАЧАГОНА** бо ҳарфҳои А. б., **АБУЛФАТҲИ СИҶЗӢ** бо А. С., **АБУЛХАИР МАХДУМИ ҲОФИЗ** бо А. М. Ҳ. ифода меёбад. Пеш аз санаҳо ҳарфи с. солро (с-ҳои — солҳои-ро) мефаҳмонад (с. 1976. С-ҳои 1960—70). Аммо агар пеш аз сана номи моҳ ояд, «с» гузошта намешавад. Масалан: нояб. 1970. Ҳамчунин агар сана дар қавсайн омада бошад, ҳарфи «с» гузошта намешавад.

Воҳидҳои ченак дар ЭСТ мутобиқи воҳидҳои ченаки байналхалқӣ дода мешаванд. Фақат дар баъзе мавридҳо воҳидҳои пештарае, ки дар байни халқ хеле маъмул буданд (мисли атмосфера, қувваи асп), дар қавсайн оварда шудаанд.

Азбаски мақолаҳои энциклопедӣ то ҳадди имкон мухтасаранд, дар дохил ва охири мақолаҳои муҳим ба ёрии хонанда библиография дода мешавад. Асарҳое, ки дар китобхонаҳои хориҷи мамлакат мавҷуд буда, ба хонанда дастрас нестанд, асосан дар дохили мақолаҳо ва асарҳое, ки дар мамлакати мо мавҷуданд, дар охири мақола меоянд. Дар зери мақола ишораи **Ас.:** — асарҳои худи ашхос ва **Ад.:** — адабиёти доир ба ҳамин мавзӯъро мефаҳмонад.

А

А, 1) ҳарфи якуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ (аз с. 1940) ва бисьёр алифбоҳои дигар, ки ҳамагӣ аз аломати финикии 𐤀 баромадааанд. Ҳарфи финикии алиф зоҳиран аз аломати идеографии ба сари гов монанди 𐤀 пайдо шудааст. Дар Европа ин ҳарф ба воситаи алифбоҳои юнонӣ ва этрусию лотинӣ, дар Шарқ ба воситаи алифбоҳои суриёнӣ ва оромӣ интишор ва маъмул гашта, шаклҳои он тадричан аз ҳамдигар хеле дур шудаанд. Шакли суриёниаш ܐ ё ܐ, юнонӣ Α (юнонии классикӣ) ва Α ё Α (юнонии аз ҷазираи Фера ёфташуда) буд. Шакли тезнависи 𐤀 (а. 5) бошад, бо роҳи таҳриф аз маҷускули Α баромадааст. Тарҳҳои гуногуни навишти маҳаллии ин ҳарф ва шакли катибавии α аз курсиви 𝔞 (а. 6), ɑ (а. 7) пайдо шудаанд. Номи А. дар финикӣ ва ибронии қадим «алиф» («гов»), юнонӣ «альфа» (эҳтимол шакли таҳрифшудаи «алиф» бошад), славянӣ «азъ» («ман») русию тоҷикӣ «а» мебошад. А. дар забони тоҷикӣ овози пасизабонии ғайрилабии кушоди «а»-ро ифода мекунад ва шакли навишти чопиаш Аа, дастнависаш 𝒜 𝒶 мебошад. Дар алифбои лотиниасоси тоҷикӣ низ ҳамин шаклҳоро дошт. Ин овоз дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ (то с. 1930) бо алиф (ابر — абр), ҳо (كاسه — коса), .айн (عينك — айнак) ва аломати фатҳа (وزير — вазир) ифода мешуд. 2) Префикси юнонии «а» (пеш аз садонокҳо «ан»), ки дар калимаҳои иқтибосӣ аломат ва маъноии реша (аслӣ)-и калимаро инкор мекунад: аморфӣ — «бешаклӣ». Ҳамин навъ префикс дар забонҳои эронии қадим ва миёна серистеъмол буд; мас.: akarta — насохта, накарда (форсии қадим); aŋhaiθiya — ғайриҳастӣ (авестой); adatih — бедодӣ; anhastih — нестӣ, анӯша — бемарг, безавол (форсии миёна). *В. Капранов.*

АБАЕВ Василий Иванович (тав. 3. 1. 1900, деҳаи Коби, Гурҷистон), забоншиноси советӣ. Миллаташ осетин. Ун-ти Ленинградро хатм кардааст (1925). Фаъолияти илмии А. асосан омӯзиши забони осетинӣ (фонетика, грамматика, шевашиносӣ, лексикология, семасиология, этимология, таърих)-ро дарбар гирифта, дар соҳаи забоншиносии умумӣ ва эронӣ низ тадқиқоти умдае дорад. А. забонро якҷоя ва вобаста ба таърих, ҳаёти иҷтимоӣ, маданият, ақоиди фалсафию динӣ ва урфу одати халқ тадқиқ кардааст. Ӯ Осиёи Миёнаро нахустсарзамини халқиятҳои эронӣ (ориён) шумурда, ҳампайвандии бевоситаи аланҳо, осетинҳо ва диг. халқиятҳои эрониро ба скифҳо нишон додааст. А. бисьёр қисмҳои Авесто (махсусан Готҳо), матнҳои форсии қадимро тарҷума карда, зимнан маълумоти муҳимми таърихӣ ва забоншиносӣ додааст. Муҳимтарин асари ӯ «Луғати таърихию этимологии забони осетинӣ» (ҷ. 1, 1958; ҷ. 2, 1973) буда, дар он таъриху этимологияи калимаҳои осетинӣ дар асоси материали 190 забон тадқиқ ва робитаи мустақими забони осетинӣ бо дигар забонҳо нишон дода шудааст. Ба қалами А. зиёда аз 250 асари илмӣ тааллуқ дорад. А. узви фахрии Ҷамъияти осиёии шоҳии Британияи Кабиру Ирландия (1966) мебошад. *М. Диловаров.*

АБАЗАҲО (худ абаза гӯянд), халқест, ки асосан дар вил. автон. Қарачаю Черкас, қисман дар вил. автон. Адыгей ва ноҳияи Кисловодск зиндагӣ мекунад. А. 25 ҳаз. наф. (1970). Аҷдоди А. дар соҳили шарқии баҳри Сиёҳ мезист. А. аз ҷиҳати этнографӣ аз 2 гурӯҳ — тапанта ва шкарауа иборатанд.

АБАЙ Қунанбоев (10. 8. 1845—6. 7. 1904), шоир ва маорифпарвари қазоқ, сардафтари адабиёти нави

хаттии қазоқ. Аз оилаи феод. Дар мадрасаи Семипалатинск ва мактаби русӣ таҳсил кардааст. Ақидаҳои инсондӯстӣ ва пешқадами шоирону мутафаккирони Шарқ (Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Навоӣ, Фузулӣ ва ғ.) ба ҷаҳонбинии А. таъсири бузург расониданд. Масалҳои И. А. Крылов, шеърҳои М. Ю. Лермонтов ва порчаҳои «Евгений Онегин»-и А. С. Пушкинро тарҷума кардааст. А. халқро ба омӯхтани забон ва маданияти рус даъват мекард. Шеърҳои А. ба муқобили ҷабру зулм, асорати занон ва беадолатии иҷтимоӣ равона шудааст. Бо урфу одатҳои бадӣ замони феодалӣ, аҳкоми ислом, мазлумии занҳо сахт муборизе бурдааст. Дар шеърҳои ҳаҷвии «Ба Қулембой» (1888), «Хайрият, ман ҳам ҳукмрон шудам...» (1889), «Мудир аз сардор шод...» (1889) шоир кушоду равшан ба муқобили зулму тааддӣ сар бардоштааст. А. дар назми қазоқ шаклҳои нав *(мусаддас, мусамман)*-ро ҷорӣ намуд. Достонҳои «Масъуд» (1887), «Ғуфтор дар бораи Азим» дар асоси сюжетҳои адабиёти классикии Шарқ офарида шудаанд. Дар достони «Искандар» А. юришҳои ғоратгаронаи Искандари Мақдуниро маҳкум кардааст. Осори мансури ӯ «Пандҳо» аз мавзӯъҳои таълимию тарбиявӣ ва таърихӣ иборат аст. А. чанде аз шеърҳои лирикии худро ба мусиқӣ даровардааст. Дар асарҳои А. нафосати эҷодиёти лафзии халқи қазоқ, ғояҳои пешқадами адибони рус, таъсири босамари ад. Шарқ ба ҳам омадааст. Ҳаёти А. дар романи М. У. Авезов «Абай» (1948, тарҷ. тоҷ., 1955) тасвир ёфтааст. Шеърҳои ӯ («Ёри дилписанд», «Эй аспи ман» ва ғ.) ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Дар вил. Қараганда шаҳре ва дар Душанбе кӯчае ба номи А. гузошта шудааст.

АБАКА́Н, дарьё дар ҷануби кишв. Краснояри РСФСР, шохоби чапи Енисей. Тӯлаш 514 км; масоҳати ҳавзааш 32 000 км². Ҷараёни боло ва миёнааш аз ҳудуди Саяни Ғарбӣ, поёнаш аз ҳамии Минуса мегузарад. Манбааш барфу борон. Аз нояб. то охири апр. ях мебандад. А. барои чӯбравонӣ ва обьёрӣ истифода мешавад.

АБАКА́Н, шаҳр, маркази вил. автон. Хакаси кишв. Краснояри РСФСР, дар назди резиштгоҳи д. Абакан ба Енисей. Ст. р. о., бандари калон ва аэропорт. Аҳол. 120 ҳаз. (1976). Корхонаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, чӯбгарӣ, ин-ти педагогӣ, театри драма, музеи кишваршиносӣ, маркази телевизион дорад.

АБАЛА́К (Ceratocarpus utriculosus), гиёҳест яксола, мансуби *шӯраиҳо*. Пояаш сершоху барг, дарозиаш 5—30 см. Баргаш тасмашакли нӯктез. А. чун алафи бегона дар соҳили д-ҳои Панҷ, Сурхоб, Фон ва р-нҳои шимоли Тоҷикистон меруяд; баҳор гул карда, тобистону тирамоҳ тухм мебандад. Дар нӯки тухмаш ду хори дароз дорад. А.-ро гӯсфанд, буз, асп ва шутур нағз меҳӯранд. А. дар давраи тухмбандӣ 2,4—6,5% протеин, 6,1—6,9%

сафеда, 1,9—2% равган, 37,4—38% целлюлоза, 8—11% хокистар дорад.

Г. Т. Сидоренко.

АБАРГАР, ниг. *Қалъаи Муг.*

АБАШИДЗЕ Григол Григорьевич (тав. 1. 8. 1914, Чиатура), шоир ва насрнависи советии гурҷӣ. Аъзои КПСС аз с. 1944. Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1974). Аз с. 1967 котиби якуми Правлениян ИН Гурҷистон. Ун-ти Тбилисиро хатм кардааст (1936). Асарҳояш аз с. 1934 чоп мешаванд. Қаҳрамони асарҳои ӯ: «Ҳамеша дар либоси ҷангӣ» (1938), «Асосгузор» (1939) одами советӣ, бинокори коммунизм аст. Истеъдоду маҳорати А. солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ такомул ёфт («Душманон», 1941, достони «Кавкази маглубнашаванда», 1943). Силсилаи ашъори «Дар сарҳади ҷанубӣ» (1949) ва «Ленин дар Самгори» (1950), ки ҳар ду якҷоя сазовори Мукофоти давлатии СССР шудааст (1951), иқтидори ватандӯстии советиро нишон медиҳанд. Дар достони «Георгии VI» (1942) ва романҳои «Лашарела» (1957), «Шаби дароз» (1967) муборизаи халқи гурҷӣ дар роҳи истиқлолияти миллӣ тасвир шудааст. А. муаллифи асарҳои драмавии «Ривоят дар бораи аввалин тбилисиҳо» (1959) ва «Саёҳат дар се мавсим» (1961). Асарҳои бачагона ҳам навиштааст. Шеъри машҳури ӯ «Ленин дар Самгори» ба тоҷикӣ тарҷума шудааст. Депутати Совети Олии СССР (даъвати 8). А. бо 2 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Л. А. Авалиани.

АБАШИДЗЕ Ираклий Виссарионович (тав. 23. 11. 1909, деҳ. Хони, губ. Кутаиси), шоири советии гурҷӣ, акад. АФ РСС Гурҷистон (1960). Аъзои КПСС аз с. 1939. Солҳои 1953—67 Раиси Правлениян ИН Гурҷ. ва аз с. 1967 Сармуҳаррири Энциклопедияи Советии Гурҷӣ. Шеърҳояш аз с. 1928 чоп мешаванд. Дар маҷмӯаҳои ӯ: «Шеърҳо» (1932), «Шеърҳои нав» (1938), силсилаи шеърҳои «Суруди даравгарон», «Гурҷистон шукуфон аст» (1950—51), «Шаби шикорчиён» ва ғ. ҳаёти нав, ишқи Ватан, меҳнати диловаронаи халқи эҷодкор тараннум шудааст. Яке аз мавзӯъҳои асосии ашъори А. корнамоии қаҳрамонона мебошад («Қаҳрамон бош!», «Достон дар бораи қаҳрамонон» ва ғ.). Шеърҳои давраи ҷангии ӯ: «Капитан Бухандзе», «Суруди марди маҷрӯҳ», «Ба хотираи Леселидзе» ва ғ. хеле машҳуранд. Дар силсилаи шеърҳои «Бо пайраҳаҳои Руставели» ва «Фаластин, Фаластин» (Мукофоти давлатии РСС Гурҷ. ба номи Руставели, 1966) эҷодиёти душвору мураккаб ва олами ботинии шоири бузурги гурҷӣ тасвир ёфтааст. Шеърҳои А. хеле соддаю равон ва оммафаҳманд. Маҷмӯаи «Қаробат» (1966) ба роль ва мақоми шоир дар ҷамъият бахшида шудааст. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 4—7). А. 2 ордени Ленин ва орденҳои диг. дорад.

Л. А. Авалиани.

АББАНЬЯНО (Abbagnano) Никола (тав. 15. 7. 1901), файласуфи идеалисти италиявӣ. Проф. Ун-ти Турин. Асосгузори *экзистенциализми* позитивӣ. А. экзистенциализми позитивиро бо унсурҳои *неопозитивизм* пайваста, ба воситаи формулаи «универсалии» «имкони имкон» навъи оптимистии экзистенциализмро ба вуҷуд оварданӣ мешавад. Аз рӯи ақидаи ӯ инсон ҳамеша метавонад аз имкониятҳои гуногун ҳамонеро интихоб намояд, ки асоси «зиндагии солим ва собит» аст. Дар солҳои охир ӯ аз масъалаҳои экзистенциализм дур шуда, бештар бо масъалаҳои назарияи маърифат ва социология машғул мешавад.

АББО́С Ҳоҷа Аҳмад (тав. 7. 6. 1914, ш. Понипат), нависанда ва кинорежиссёри ҳинд. Ба забони урду ва англисӣ асар менависад. А. муаллифи романҳои «Оянда аз мост» (1945), «Инқилоб» (1954), «Чор дил, чор роҳ» (1959) ва повесту маҷмӯаи ҳикояҳост. А. таҳиягари фильмҳои «Ҳамсафар» (1953), «Мунна» (1954), «Саёҳат ба он сӯи се баҳр» (1958, якҷоя бо реж. советӣ В. М. Пронин ва сценарияниавис М. Н. Смирнова), «Шаҳр ва орзу», «11 ҳазор духтар» (1963) ва ғ. Муаллифи сценарияи фильмҳои «Таъриҳи доктор Котнис» (1946), «Оворагард» (1951), «Ҷаноби 420» (1955) ва ғ. мебошад. А. муборизи роҳи сулҳ ва дӯстии байни халқҳои ҳинду советӣ, узви Советии Умумиҷаҳонии Сулҳ аст (1958).

АББО́СИ I (27. I. 1571—19. I. 1629), шоҳи Эрон (аз маи 1587) аз сулолаи *Сафавиён*, лашкаркаш. Ба феодалон ва тоҷирони давлатманд такья мекард. Ба муқобили феодалҳои бодиянишин, ки то А. 1 дар Эрон ҳукмрон буданд, бомуваффақият муборизе бурд. Қӯшуни низомӣ ташкил намуда, аркони давлатро мустаҳкам кард. А. 1 аз ҳисоби сарвати кишвархои забтшуда ва бо қувваи кории гурҷиҳо, арманиҳо, озариҳо ва диг. халқҳо, ки маҷбуран ба Эрон оварда шуда буданд, иқтисодиёти мамлакатро мустаҳкам намуд. Шӯришҳои халқиро (1592 дар Гелон, 1623—24 дар Гурҷистон ва ғ.) бераҳмона пахш кард. Савдои дохилӣ ва беруниро равнақ дода, роҳҳо, пулҳо, корвонсаройҳо сохт. С-ҳои 1597—98 Исфаҳонро пойтахт қарор дод, сарзаминҳои Бухоро ва Туркияро забт намуда, Закавказия ва Хуросонро ба тасарруфи худ даровард. Бо ёрии флоти англис Баҳрайн (1601—02), Қандаҳор (1621) ва Ҳурмузро (1622) аз португалиҳо озод кард. Ироқро зери даст намуд ва он муддате (1623—38) тобеи Эрон буд. Бо мамлакатҳои Европа муносибати тиҷоратӣ ва сиёсӣ пойдор кард.

АББОСИЁН, сулолаи халифаҳои араб (750—1258), аз авлоди амаки Муҳаммади пайғамбар — Аббос. А. аз муваффақиятҳои ҳаракати шиа бар зидди Умавиён истифода бурда, Умавиёнро сарнагун карданд. Аввалин халифаи А. Абулаббоси Саффоҳ (ҳукмр. 750—754) буд. Мухолифати дохилӣ ашрофи арабро аз марому мақоми пештара маҳрум кард; ашрофони Эрон ва Осиёи Миёна такьягоҳи асосии А. гардиданд. Маркази хилофат аз Сурия ба Ироқ кӯчид. Бағдод (онро халифаи А. Мансур с. 762 таъсис кард) пойтахти давлати А. гардид. Дар хилофати А. ба монанди хилофати Умавиён муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буданд. Хилофати А. дар аҳди Мансур (754—775), Маҳдӣ (775—785), Ҳорунарраши́д (786—809) ва Маъмун (813—833) ба авҷи камол расид. Пурзӯр шудани зулми феодалӣ дар давлати А. бонси бисьёр шӯришҳои халқӣ (*Исьёни Муқаннаъ, Исьёни Бобак*) гардид. Дар охири а. 8 аз давлати А. вилоятҳои алоҳида ҷудо шуданд. Дар а. 9 процесси парокандашавии давлати А. пурзӯр гардид: дар Эрон, Осиёи Миёна, Закавказия, Миср давлатҳои мустақил ташкил шуданд, ки дар онҳо сулолаҳои маҳаллӣ (Тоҳириён, Саффориён, Тулуниён, Баграти́ён ва ғ.) ҳукмронӣ мекарданд.

Ад.: Беляев Е. А., Арабы, ислам и арабский халифат, М., 1965; Бартольд В. В., Соч., т. 6, М., 1966.

АББОСӢ عباسی Абдуллатиф ибни Абдуллоҳ (с. тав. ва ваф. номаълум), адиби форсизабони а. 17 Ҳиндустон. Тазкираи «Бутхона»-и *Сӯфии Мозандарониро* баъд аз марги муаллиф мураттаб сохта, бар он муқаддимае навиштааст. Зоҳиран таълифи Сӯфӣ танҳо аз мунтахаби ашъор иборат буда, шарҳи ҳоли шоиронро А. бар он афзудааст.

АББОСӢ (Tagetes), авлоди растанӣ, мансуби *мураккабгулон*, 26 намуди растаниҳои як ё бисьёрсоларо, ки дар Америка ва Европа чун гиёҳи худрӯ маъмуланд, дар бар мегирад. То 150 см қад мекашанд. Дар РСС Тоҷ. 3 намуди А. (T. erecta, T. signata, T. patula)-ро чун гули ороишӣ баҳорон дар гулбоғу гулгаштҳо мекоранд. А. ростпояю сершох ва тоқабарг буда, гулҳои назаррабою муаттар дорад, баъд аз 60—70 рӯзи кишт нумӯ мекунад. Замини шӯру

зах ва сармо барои А. номусоид аст. Аз гулу баргҳои А. (T. patula) равғани эфир ва ранг мегиранд. Ҷӯшобаи гули А. дар тибби халқӣ чун воситаи шошаю арақовар ва киҷҷарон истифода мешавад.

Тасвирашро нег. дар мақ. *Бахмалгул.* *М. М. Шарифова.*

АББРЕВИАТӮРА (итал. Abbreviatura—кӯтоҳ кардан, ихтисор; аз лот. abbrevio — кӯтоҳ мекунам), 1) дар забоншиносӣ — ихтисори таркибҳо ва калимаҳои мураккаб; а) калимаҳое, ки аз ҳарфҳои аввалини таркибҳо ташкил меёбанд, мас.: КМ (ка-эм) аз: Комитети Марказӣ; б) калимаҳои мураккаби ихтисоршуда, ки аз унсурҳо (морфемаҳо)-и аввалини таркибҳо пайдо шудаанд, мас.: колхоз аз: коллективное хозяйство (хоҷагии коллективӣ). Аксари А.-ҳои русию байналхалқӣ дар тоҷикӣ бе тағьир истифода мешаванд, вале баъзе А.-ҳо муодили тоҷикӣ пайдо кардаанд, мас.: США—ШМА аз: Штатҳои Муттаҳидаи Америка. 2) дар мусиқӣ — аломатҳои ихтисори нота. Бо мақсади содда кардани воситаҳои сабти мусиқӣ ва осон намудани хониши нота ба кор меравад.

АББӮД عبود Марун (9. 2. 1886, Айн-Қаъфа — 1962), нависанда, журналист ва адабиётшиноси араб (Лубнон). Аз оилаи деҳқон. Аввалин ҳикояи ӯ «Беваи Морика» с. 1935 чоп шудааст. А. муаллифи асарҳои «Саҳифаҳо ва ҳикояҳо» (1945), «Паҳлавонони хурдҷусса» (1948), «Амири сурх» (1954), «Ҳикояҳои маҳаллӣ» (1957) ва очеркҳои монографӣ аз ҳаёти Абулъалои Маарриӣ ва Амини Райҳонист. А. муҳаққиқи адабиёти қадим ва ҳозираи араб (маҷм. «Ҷадид ва қадим», 1949; «Дар лаборатория», 1950) низ мебошад. Ҳаёти вазнини деҳқонон, урфу одати онҳо мавзӯи асосии эҷодиёти ӯ мебошад. А. ҷавононро ба фаъолӣ, меҳнати софдилона дар роҳи ободии ватан ва бехбудии халқ даъват карда, буржуазиаи миллиро, ки дар пеши маданият ва тарзи зиндагии америкой сар ҳам мекунад, ба зери танқид гирифтааст. *К. Мусофиров.*

АБДИБЕ́КИ ШЕРОЗИ́И ҲАМАДОНӢ عبدی بیک شیرازی همدانی (тав. 1557, Ҳамадон — с. ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик. Ҳафт маротиба ба Ҳиндустон (охирин бор с. 1616) сафар карда аз шоирон Абулфазл ибни Муборак ва Мирзо Абдурраҳимхони Хони Хонон ёрӣ ва дастгирӣ дидааст. А. Ш. Ҳ. дар аксари намудҳои шеър ва хусусан дар ғазал маҳорат дошта, девонаш дорои 3000 байт аст. Ӯ бародари калони шоир *Рашкӣ* ва ҳоҳарзодаи *Ҳалокӣ* мебошад.

АБДИБЕ́КИ ШЕРОЗӢ عبدی بیک شیرازی Ҳоҷа Зайнулобидин Алии мутахаллис ба Навидӣ (1515, Шероз — 1580, Ардабил), шоири форс-тоҷик. Бештари умраш дар Табриз ва Қазвин гузаштааст. А. Ш. дар назму наср осори фаровоне дорад. Се девонаш, ки зиёда аз 10000 байт доштааст, ҳоло ба даст наомадааст. Маснавиҳои А. Ш. «Мазҳар-ул-асрор», «Ҷоми ҷамшедӣ», «Маҷнун ва Лайлӣ», «Ҳафт ахтар», «Оинаи искандарӣ», «Ҷавҳари фард», «Дафтари дард», «Фирдавс-ул-орифин», «Анвори таҷаллӣ», «Хазоини малакут», «Равзат-ус-сифот», «Давҳат-ул-азҳор», «Ҷаннат-ул-асмор», «Зинат-ул-авроқ», «Саҳифат-ул-ихлос» дар се ҳамсаи ӯ фароҳам омадаанд. Асари таърихии «Такмилат-ул-ахбор» намунаи насри А. Ш. мебошад. Ғайр аз инҳо боз се асари дигар — «Саломон ва Абсол», «Тарабнома» ва «Дебочат-ул-баён» низ аз таълифоти ӯ будааст, ки то ҳол пайдо нест.

Ад.: Рахимов А., Шарҳи ҳол ва осори Абдибеки Шерозӣ, дар кит.: «Маҷнун ва Лайлӣ» (матни танқидии достон), М., 1967.

АБДИ́И ГУНОБОДӢ عبدی گنابادی (с. тав. номаълум—ваф. байни 1562—64, Балх), шоир. Дар Гунободи Хуросон ба дунёё омада, дар муҳити адабии Ҳирот ба камол расидааст. Фақирона умр ба сар бурда, дар шеърсароӣ маҳорат ва табъи баланд доштааст. Мувофиқи маълумоти *Нисорӣ* шеъри бисьёр дошта, аз рӯи гуфтаи Саид Нафисӣ дар сурудани маснавӣ забардаст будааст. Аз ашъори ӯ оҳангҳои шикоят аз замона, зиндагӣ ва «фалак» бештар ҳис мешавад.

АБДӮ عبده Муҳаммад (1849—11. 7. 1905, ш. Искандария, қабраш дар Қоҳира), фақеҳи араб, публицист, назариётчӣ ва роҳбари ислоҳоти ислом дар Миср. Аз оилаи деҳқон С. 1877 Ун-ти Ал-Азҳари Мисрро хатм кардааст. С-ҳои 1883—88 барои иштирок дар шӯриши Уробипошшо (1881—82), ки зидди зӯроварии хоричӣ дар Миср равона гардида буд, бадарға шуда, дар Бейрут ва Париж зиндагӣ кардааст. Баъди ба Миср баргаштан дар Ал-Азҳар кор кардааст. С-ҳои 1899—1905 сармуфтии Миср ва аъзои Шӯрои қонунгузорӣ буд. А. ба масъалаҳои асосии ислоҳоти ислом шуғл варзида, барои рушду камоли публицистикаи муосири араб, адабиёт ва забони араб саҳми калоне гузошта, мактаби журналистикаи назди газетаи «Ал-вақоеъ ал-Мисрия»-ро ташкил додааст. А. с-ҳои 1876—1905 дар мавзӯъҳои динии фалсафӣ, сиёсию ичтимоӣ ва ахлоқӣ як силсила мақолаҳои публицистӣ навиштааст, ки намунаи услуби нави публицистикаи муосири араб ба шумор меравад. А. аз шогирдони *Ҷамолуддини Афғонӣ* буд.

АБДУЛАЗИ́З عبدالعزیز ибни Шарафуддин (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳунарманд ва рехтагари тоҷики а.-ҳои 14—15. Дар дарбори Амир Темур зиндагӣ ва эҷод кардааст. Аз осори

Амали рехтагарии Абдулазиз. Деги мазор. Эрмитажи давлатӣ. Ленинград.

А. то замони мо кам расидааст. Намунаи машҳури ҳунари ӯ деги калонест, ки с. 1399 аз хӯлаи ҳафтҷӯш барои мазори Хоҷа Аҳмади Ясавӣ (ш. Туркистон) рехта шуда, ҳоло дар Эрмитажи Ленинград маҳфуз аст. Ин деги мазор намунаи барҷастаи санъати рехтагарӣ ва мисгарӣ буда, ҳашт ҳалқаи нуқракӯби зарандуд дорад, дар атрофи он бо хатҳои сулс, куфӣ ва риқоъ матнҳои гуногун навишта шудааст. Дар деворахои дег сари шер ва мурғҳо, моҳӣ муҷассам ва ҳаккокӣ гаштааст.

АБДУЛАЗИ́ЗИ МАРОҒӢ عبدالعزیز مراغی ибни Нуруддин ибни Абдурраҳмон (с. тав. ва ваф. номаълум), бастакор, ҳофиз ва мусиқишиноси а-ҳои 15—16. Дар деҳаи Нойини вил. Исфаҳон тав. шуда, дар Истамбул ваф. кардааст. А. М. ба асарҳои бобояш *Абдулқодири Ғӯянда,* падараш Нуруддин ибни Абдурраҳмон шарҳу эзоҳҳо навишта буд. «Нағамот-ул-адвор» (Давр ва фосилаҳои мусиқӣ) аз ҷумлаи таълифоти илмию назарии ӯст. Чун бастакор ба уд пардае илова карда, «Мукаммал» ном мегузорад.

АБДУЛАЗИ́ЗИ НАҚҚО́Ш عبدالعزیز نقاش (с. тав. ва ваф. номаълум), наққош, хаттот ва мусаввири а. 16. Аслан аз Кошон буда, дар китобхонаҳои Исмоили Сафавӣ ва Шоҳ Таҳмосб кор карда, ба Беҳзод шарафи шогирдӣ доштааст. А. Н. дар эҷодиёти худ равияи Беҳзодро давом дода, бештар чун мусаввири манзараҳои табиат ва лаҳзаҳои муҳориба шӯҳрат пайдо мекунад. Аз А. Н. осори хаттотӣ низ боқӣ мондааст. *А. Афсаҳов.*

АБДУЛАЗИЗХО́Н عبدالعزیزخان (с. тав. ва ваф. номаълум), хони Бухоро (1540—49) аз сулолаи Шайбониён. Баъди вафоти Абдуллоҳхони I худро хони Бухоро эълон карда, аз итоат ба ҳокимиятҳо марказии Мовароуннаҳр сар печид ва боиси дар Мовароуннаҳр ба вуҷуд омадани дуҳокимиятӣ гардид. (Нег. *Абдуллатифхон*). Бо мақсади ба худ ҷалб кардани таваҷҷӯҳи омма ва мустаҳкам намудани ҳокимият с. 1541 баъзе андозҳоро бекор кард. Дар аҳди А. сохтмони қалъаи нави Бухоро

сар шуда, дар замони *Абдуллоҳхони II* анҷом ёфт. Дар а. 16 Бухоро ба яке аз марказҳои санъати меъморӣ ва илму маърифат табдил ёфт. А. дар ин ҷо китобхонае таъсис кард, ки ба он рассом ва хаттоти номӣ Султон Мирак сардорӣ мекард. Дар он на танҳо китобҳои подирро ҷамъ мекарданд, балки низ хаттотони беҳтарин, ба монанди Миралӣ, шогирдони вай Хоҷа Маҳмуд ва Саид Аҳмади Машҳадӣ асарҳои бисьёрро китобат намуда, бо минётураҳо ороиш медоданд. *Н. Қосимов.*

АБДУЛАЗИЗХОН عبدالعزیزخان (с. тав. ва ваф. номаълум), хони Бухоро, писари *Нодирмуҳаммад* аз сулолаи Аштархониён. С. 1645 бекҳо ва феод. аз сиёсати Нодирмуҳаммад норозӣ А.-ро хони Бухоро эълон карданд. Нодирмуҳаммад аз *Шоҳиҷаҳон* ёрӣ талабид. Шоҳиҷаҳон аз ин таклиф истифода бурда, ба Балх лашкар кашид. С. 1647 А. ба муқобили Шоҳиҷаҳон бархост ва аҷнабиёнро дур андохта, бародари худ *Субҳонқулихон*-ро ҳокими Балх таъин намуд. Дере нагузашта байни бародарон барои тахт муборизе сар шуд. Аз чунин шароит хонҳои Хева Абулғозӣ ва Анушахон истифода бурда, ба хоки хонии Бухоро ҳуҷум оварданд ва ҳатто то Бухоро расиданд. С. 1657 А. ба Абулғозӣ зарбаи қатъӣ расонд. Тохтутози Абулғозиро Анушахон давом дод. Ҷанги дуру дарози ба муқобили Хева обрӯи А.-ро паст кард ва ӯ маҷбур шуд, ки с. 1680 тахтро ба бародараш Субҳонқулихон супорад. Дар давраи ҳукмронии А. муносибатҳои дипломатию тиҷоратии хонии Бухоро бо Россия, Эрон ва Ҳиндустон ривоҷ ёфт.

Ад.: Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972.

АБДУЛАҲАДХОН عبدالاحد خان (с. тав, номаълум — ваф. 1910, Карминa), ҳафтумин амир (1885—1910) аз сулолаи *Мангитияи* Бухоро, писари *Музаффар*. С. 1881 дар маросими тоҷгузории Александри III иштирок дошт ва подшоҳи нави Россия А.-ро вориси тахти Бухоро таъин кард (то с. 1885 ҳамроҳи падараш ҳукм ронд). Дар аҳди А. истисмори халқ авҷ гирифта, дар дохили аморат ҳаракати халқӣ торафт пурзӯр мегардид. Калонтарини онҳо *шӯриши Восеъ* дар Балҷувон буд, ки бераҳмона пахш карда шуд. А. асосан бандаи айшу ишрат буд. А. генерали армияи саворaи рус, генерал-адютант, сардори полки 5-уми казакҳои Оренбург ва дорои орденҳои олии подшоҳӣ буд. А. бо тахаллуси Оҳиз шеър мегуфт ва девоне аз ӯ боқӣ мондааст. Ба қавли муосиронаш А. ба мусиқӣ, алалхусус ба «Шашмақом» таваҷҷӯҳи зиёд дошта, танбӯрро хуб менавохтааст. А. дар қисми Европои Россия мулкҳо ба даст овард. Дар Крим боғу қаср, дар Железноводск ва Кисловодск истироҳатгоҳ, дар Петербург ҳавлӣ дошт. Аз рафтори А. рӯҳониён, ки дар аморат нуфузи зиёд доштанд, ба ғазаб омаданд. Баъди кашокашии дуру дароз бо рӯҳониён А. маҷбур шуд Бухороро тарк намуда, дар Карминa қарор гирад. Баъди вафоти А. писараш *Олимхон* соҳиби тахти Бухоро шуд. *Н. Қосимов.*

АБДУЛВАҲҲОБ МИРЗО عبدالوهاب میرزا (с. тав. номаълум — ваф. байни 1860—70, ш. Китоб), хаттоти тоҷик. А. М. аслан аз Бухорост. Мувофиқи маълумотҳои дастрас А. М. бештар аз 100 асарро ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ бо хати шикаста ва настаълиқ китобат кардааст. Аз осори хаттотии А. М. маснавиҳои Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва «Юсуф ва Зулайхо»-и Низомии Ҳиравӣ то замони мо расидаанд. Ин асарҳо дар фонди дастхатҳои Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Узб. маҳфузанд.

АБДУЛВОСЕИ ҶАБАЛӢ عبدالواسع جبلی Бадеуззамон Фаридуддин ибни Умар ибни Рабеъи Ғарҷистонӣ (нимаи 2 а. 11—1160), шоири форс-тоҷик. Дар чавонӣ ба Ҳирот рафта, илмҳои нуҷум, мантиқ, фалсафа, мусиқӣ ва амсоли инҳоро меомӯзад. Сипас, ба Ғазнин ба хизмати Баҳромшоҳ омада, баъди 4 сол аз он ҷо ба Марв, ба дарбори Султон Санҷар меравад. Фаъолияти адабии А. Ҷ. пеш аз омадан ба дарбор оғоз ёфтааст. Мероси адабии ӯ аз қасида, қитъа, ғазал, рубоӣ, таркиббанду муаммаот ва диг. шаклҳои шеърӣ иборат буда, қариб 7000 байт аст. Ба забони арабӣ низ асарҳо эҷод кардааст. А. Ҷ. барои ба забони гуфтугӯии халқ наздик кардани ашъораш кӯшида бошад ҳам, дар бештари сурудаҳояш таркибу ибораҳои арабӣ фаровон ба кор рафтааст. А. Ҷ. дар қатори Анвариюи Ҳоқонӣ яке аз буньёдгузорони *сабки ироқӣ* ба шумор меравад. Дар эҷодиёти шоир қасида мавқеи хосе дорад. Қасидаҳои ӯ дар баробари мадҳ, тарғиби ахлоқу одоби накӯ, танқиди иллатҳои иҷтимоӣ, хислатҳои бади инсонӣ, шикоят аз ҳоли худу зулми замон барин масъалаҳоро дарбар мегирад. Мавзӯи шикоят аз тазодҳои ҳаёт дар эҷодиёти ӯ асосан баъди аз дарбор рафтанаш акс ёфтааст. Қасидаи ӯ, ки бо мисраи «Мансух шуд муруввату маъдум шуд вафо...» сар мешавад, зиддиятҳои муҳити иҷтимоии давр, тамоми хислату кирдор, бедодгариҳои амалдоронро ошкор кардааст. Яке аз хусусиятҳои қасидаҳои А. Ҷ. ин аст, ки дар онҳо воситаҳои тасвири бадеии мураккаб бисьёртар истифода шудаанд; ин усули хоси шоирони сабки ироқӣ буд. Дар ғазалҳои ӯ таъсири услуби қасидаҳояш то андозае мушоҳида шавад ҳам, ин қисм ашъори ӯ нисбат ба қасидаҳояш соддаву равон суруда шудаанд. Девони А. Ҷ. с-ҳои 1961—63 дар Теҳрон чоп шудааст.

Ад.: بدیع الزمان فروزانفر، سخن و سخنوران، تهران، ۱۳۳۵ ه. ش.؛ دولتشاه سمرقندی، تذکرة الشعراء، لیدن، ۱۹۱۲.

Т. Самадов, У. Яҳьёев.

АБДУЛВОСИЕВ Абдулло (1922, қиш. Кӯзибеги р-ни Орҷоникидзеобод — 19. 5. 1968, ҳамон ҷо), ходими партиявию советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1958). Аъзои КПСС аз с. 1944. А. омӯзишгоҳи педагогии р-ни Орҷоникидзеободро ҳатм кард (1939). С-ҳои 1941—45 дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок дошт. Ҷонишини директори МТС-и ба номи Орҷоникидзе ва инструктори комитети партиявии район (1946—54), раиси комиҷроияи Советии депутатҳои меҳнаткашони р-ни Орҷоникидзеобод (1955—61), директори идораи қабули ғалла (1961—65), мудири шӯъбаи управлениеи «Тоҷикплодоовощ»-и назди Советии Вазирони РСС Тоҷ. (1965—68) шуда кор кардааст. Вай аъзои КМ ПК Тоҷ. (1956—61), депутати Советии Олии РСС Тоҷ. (даъвати 6), 4 карат иштирокчии Намоишгоҳи комьёбиҳои хоҷагии халқи СССР буд. А. бо ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АБДУЛИН Зохид Муҳабулович (тав. 1906, деҳаи Татқулмаюри р-ни Чердаклинии вил. Ульяновск), ходими партиявӣ ва давлатӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1948). Аъзои КПСС аз с. 1931. А. фаъолияти меҳнатиро худро аз подабонӣ (1922—24) сар карда, с-ҳои 1924—26 шунавандаи мактаби партиявии Самара, 1926—30 муаллим, 1930—33 мудири шӯъбаи комитети партиявии ш. Тошҳавзи РСС Туркм. буд. С. 1937 Ун-ти умуминиттифоқии х. қ.-и Ленинградро ҳатм карда, с-ҳои 1937—61 котиби якуми комитети партиявии р-нҳои Ашт, Пролетар, Мурғоб, Орҷоникидзеобод, ш-ҳои Конибодом, Кӯлоб, котиби дуюми комитети партиявии вил. Кӯлоб ва с-ҳои 1961—64 сардори Управлениеи саноати гӯшту шири СХХ-и РСС Тоҷ. буд. Аз с. 1964 нафақахӯри шахсӣ. А. дар съездҳои 7—13 аъзои КМ ПК Тоҷ. интихоб шудааст. Депутати Советии Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2—6). А. бо 3 ордени Ленин, 3 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, 3 ордени «Нишони Фахрӣ», ордени Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаи дуюм, 2 медаль, 5 Грамотаи Фахрии Президиуми Советии Олии

РСС Тоҷ., 2 медали тилло ва 2 медали биринчии НКХХ СССР мукофотонида шудааст.

АБДУЛКАРИМБӢ عبدالکریم بی (с. тав. ва ваф. номаълум), хони Қӯқанд, аз сулолаи Минг, асосгузори хонии Қӯқанд. Дар нимаи дуюми а. 17 ба қалмоқҳо, ки аз шимол ба ҳудуди хонии Қӯқанд ҳамла оварданд, зарба зад. Дар аҳди А. аҳолии хонӣ аз ҳисоби муҳоҷирони Самарқанду атрофи он ва диг. билоду ноҳияҳо афзуд; муносибатҳои иқтисодӣ бо Россия қувват гирифта, талабот ба инкишофи минбаъдаи қуввaҳои истеҳсолкунанда зиёд шуда, тақозо мекард, ки ҳокимияти марказӣ пурзӯр шавад, вале ба ин низою ғоратгариҳои феодалҳо халал мерасонд.

А. Мухторов.

АБДУЛЛАТИФИ ШУШТАРӢ عبداللطیف شوشتری ибни Абӯтолиб ибни Нуруддин ибни Неъматуллоҳ ал-Ҳусайнӣ ал-Мусавӣ (15. 8. 1755, Шуштар — Эрон — 1806 ё 1807, Ҳайдаробод — Ҳиндустон), сайёҳ ва муаррих. А. Ш. охири а. 18 ба кишварҳои Эрон, Ироқ, Арабистону Ҳиндустон сафар карда, аз таассуроти худ «Тӯҳфат-ул-олам» (1801—02) ном китоб навиштааст, ки он аҳамияти географӣ, таърихӣ ва тарҷумаиҳолӣ дорад. Дар қисми аввали асар аз таърихи ш. Шуштар, Ҳиндустони бостонӣ ва асримиёнагӣ, дар қисми дуюмаш аз мушоҳидаҳои сафари худ ба ғарби Эрон, Ироқ, Арабистону Ҳиндустон, таърихи шаҳрҳои ин мамлакатҳо, воқеаҳои сиёсии Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна, аз ҷанги хонадони Қоҷориҳои Эрон бо Россия (1779—97), аз ҳукмронии англисҳо дар Ҳиндустон, Мисрро забт кардани франсавиҳо (1798) ва оид ба Англия, Франция, Россия ва Америка маълумоти мухтасари таърихию географӣ додааст.

АБДУЛЛАТИФХОН عبداللطیف خان (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими Мовароуннаҳр (1540—51) аз сулолаи Шайбониён. Дар Самарқанд баъди вафоти Абдуллоҳхони I Шайбонӣ (1539—40) ба тахт нишаст. Ҳамин вақт намояндаи дигари сулолаи Шайбониён *Абдулазизхон* (1540—49) дар Бухоро худро хон эълон кард. Дар натиҷа дар Мовароуннаҳр дуҳокимиятӣ рӯй дод. А. с. 1551 ҳамроҳи ҳокими Тошкент Наврӯз Аҳмадхон ба муқобили ҳокими Кармина Искандархон лашкар кашид, вале дар корзор аз *Абдуллоҳхони II* (писари Искандархон) шикаст хӯрд. Аз давраи ҳукмронии Шайбониён дар Осиёи Миёна чанд ёдгории меъморие боқӣ мондааст, ки баъзеи онҳоро ба А. нисбат медиҳанд. Яке аз онҳо Кӯкгунбази Уротеппа аст.

Ад.: Мухторов А., Город Ура-Тюбе, дар мачм.: Археологи рассказывают, Сталинабад, 1959. *Н. Ҳосимов.*

АБДУЛЛО Рашид (1910, Самарқанд — 1937), нависанда ва журналисти советии тоҷик. Аз оилаи хиз-

матчӣ. С. 1932 баъди хатми фак-ти адабиёти Академияи педагогии Ӯзбекистон ба Душанбе омада, ба сифати котиби масъули журнали *«Барои адабиёти социалистӣ»*, мудири шӯъбаи адабиёти газетаи *«Тоҷикистони сурх»*, мудири шӯъбаи сценарияҳои киностудияи «Тоҷикфильм» кор кард. Сипас А. бо тавсияи КМ ЛКСМ Тоҷикистон дар водии Вахш муаллим шуда, дар маҳви бесаводӣ фаъолона ширкат намуд. Фаъолияти эҷодии А. аз ибтидои с-ҳои 30 оғоз ёфт. Нахустин достони А. «Қодир» (1933) ба тракторчии тоҷик бахшида шудааст, достони «Вахш»-и ӯ (1936) аз кору бори бинокорони иншооти обьёрии Вахш ҳикоят мекунад. Баъзе асарҳои А. ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. А. чанде аз шеърҳои М. Ю. Лермонтов, Нозим Ҳикмат ва диг.-ро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

АБДУЛЛО Собир (тахал. номи аслиаш Абдуллоев Собирҷон; 5. 9. 1905, Қӯқанд — 26. 10. 1972, Тошкент), шоир, носир ва драматурги советии ӯзбек, Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Ӯзб. (1944), Шоири Халқии РСС Ӯзб. (1965). Аъзои КПСС аз с. 1945. Аввал дар мактаби кӯҳна, баъд дар мактаби советӣ таҳсил намуд. Дар газетаҳои «Янги Фарғона», «Еш ленинчӣ» ва журнали «Муштум» кор кард. Маҷмӯаи аввалини шеърҳои ӯ с. 1929 ба табъ расид. А. С. муаллифи чанд маҷмӯаи шеърҳо ва ҳикояҳост: «Навбаҳор» (1931), «Завқ» (1933), «Дӯстӣ» (1937), «Гулшан» (1939), «Соз ва оҳанг» (1943), «Суруди ҳаёт» (1962), «Девон» (1965), романи «Мавлоно Муқимӣ» (1965). Драмаҳои ӯ: «Духтари боғбон» (1930), «Ойхон» (1935), «Тоҳир ва Зӯҳро» (1938), «Қурбон Умаров» (1941), «Даврон-ота» (1942, бо ҳамроҳии К. Яшин), «Муқимӣ» (1954), «Алпомиш» (1959) шӯҳрат доранд. А. С. с. 1971 барои «Девон»-и ашъораш сазовори Мукофоти давлатии РСС Ӯзб. ба номи Ҳамза гардид. Аз осори А. С. романи «Мавлоно Муқимӣ» ва чанд шеъру достонаш ба тоҷикӣ тарҷума шудааст. Пьесаи «Тоҳир ва Зӯҳро»-ро Театри драмаи мусиқии Ленинобод ба саҳна гузоштааст (1941). А. С. дар васфи Ленинобод, Исфара, Конибодом шеърҳо дорад. Дар даҳаи адабиёт ва санъати Ӯзбекистон дар Тоҷикистон (1968) иштирок дошт. Ӯ бо орденҳои Байраҳи Сурхи Меҳнат ва «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛО Ғанӣ (тав. 11. 3. 1912, Самарқанд), драматурги советии тоҷик, Ходими Хизматнишондодаи

Санъати РСС Тоҷ. Аъзои КПСС аз с. 1963. Аз оилаи хизматчӣ. С. 1932 фак-ти адабиёти Академияи педагогии Ӯзбекистонро хатм намуда, дар Ин-ти тадқиқоти илмии Комиссариати маорифи РСС Тоҷ. кор кард. А. вакили съезди якуми нависандагони СССР (1934) буда, баъд котиби Правлениии ИН Тоҷикистон (1935) интихоб гардид. Баъдтар дар Театри давлатии академии драмаи Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ роҳбари қисми адабӣ шуд.

А. дар аввали с-ҳои 30 ба ӯзбекӣ низ шеъру достон менавишт, ки дар маҷмӯаҳои «Сатрҳои сохтмон» (1932) ва «Бо номи Веддинг» (1933) ба табъ расидаанд. Мавзӯи ашъори с-ҳои 30 ӯро тараннуми ҳаёти нав, қаҳрамонӣ ва меҳнати зарбдори халқ, воқеаҳои байналхалқӣ ва фош намудани фаъолияти душманони сохти нав ташкил медиҳанд. Дар Душанбе нахустин маҷмӯаи ашъори тоҷикии «Садо» (1935) ва достони «Ду соҳил» (1935)-и А. нашр мешавад. Доираи фаъолияти эҷодии ӯ хеле вусъат ёфта, ба навиштани мақолаву рисолаҳои танқидӣ ва адабиётшиносӣ ҳам мепардозад; мақолаҳои зиёде, рисолаи «Ҷалол Икромӣ ва эҷодиёти ӯ» (1933)-ро нашр мекунад ва ба навиштани асарҳои саҳнавӣ миён мебандад. Аз ин пас драманависӣ соҳаи асосии фаъолияти адабии А. гардид.

Мавзӯи асарҳои драмавии А. аз тасвири зиндагии имрӯза, таърихи халқи тоҷик ва ҷонбозиҳои мардуми советӣ дар ҷанги граждани ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—1945) иборат аст. Пьесаҳои «Вахш» (1933), «Водии бахт» (1936), «Пеш аз субҳ» (1949), «Шарафи инсон» (1956), «Суруди кӯҳсор» (1957) корнамоии халқи тоҷикро дар давраи панҷсолаҳои пеш аз ҷанг, падидаҳои нави зиндагии социалистии мардуми тоҷик, ахлоқу маишат, муборизаи наву кӯҳна ва амсоли инҳоро инъикос намудаанд. Дар пьесаи «Мо аз Боми Ҷаҳон» (1965) мардонагии фарзандони халқи тоҷик дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дӯстии халқҳо, вахдати ғоявию сиёсии фарзандони миллатҳои гуногун тасвир ёфтааст. А. саодати имрӯзаи халқро натиҷаи муборизаҳои чандинасраи меҳнаткашон барои озодӣ ва истиқлолият медонад. Драмаҳои «Шӯриши Восеъ» (1936), «Рустам ва Сӯҳроб» (1967), «Ҷомӣ ва Навоӣ» (1969), «Фарҳёди ишқ» (1975) ва ғ. ба мавзӯи таърихӣ бахшида шудаанд.

А. аввалин адибест, ки дар пьесаи сегонаи «Тӯфон» (1957; ҳамроҳи Ш. Қиёмов), «Ҳуррият» (1964) ва

ЦЕНТРАЛЬНАЯ БИБЛИОТЕКА

«Сарбозони инқилоб» (1971) образҳои В. И. Ленин, И. В. Сталин, Г. К. Орҷоникидзе, Н. К. Крупская, М. В. Фрунзе, В. В. Куйбышев ва диг.-ро офаридааст. А. с. 1972 барои драмаҳои «Ҳуррият» ва «Сарбозони инқилоб» сазовори Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ гардид.

А. «Духтари бебисот»-и Н. Островский, «Қурбонӣ»-и Р. Такур, «Доми фиреб»-и Т. Драйзер, «Арӯси оташ»-и Ҷ. Ҷабборлӣ, «Ҷавоне аз шаҳри мо»-и К. Симонов ва ғ.-ро ба тоҷикӣ гардондааст.

Баъзе асарҳои А. ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва диг. халқҳои СССР тарҷума ва нашр шудаанд.

Ас.: Ҳуррият. Маҷмӯаи пьесаҳо, Д., 1972.

Ад.: Нурджанов Н., История таджикского советского театра (1917—41), Д., 1967; Султон Сафар, Конфликт ва характер, Д., 1971. *А. Афсаҳзод.*

АБДУЛЛО́ЕВ Воҳид Абдуллоевич (тав. 1912, Самарқанд), адабиётшинос, акад. АФ РСС Ӯзб. (1966). Аъзои КПСС аз с. 1951. Ин-ти педагогии Фарғонаро хатм кардааст (1932). А. с-ҳои 1935—43 дар ин-тҳои педагогии Бухоро ва Самарқанд, с-ҳои 1944—63 дар Ун-ти давлатии ба номи Навоии ш. Самарқанд мудири кафедраи адабиёти ӯзбек буд, с. 1963 ректор. С. 1941 дар мавзӯи «Навой дар Самарқанд» дисс. номзадӣ, с. 1959 дар мавзӯи «Адабиёти ӯзбек дар Хоразми а. 17—18» дисс. докторӣ ҳимоя кард; муаллифи китоби дарсии «Таърихи адабиёти ӯзбек» (1964) мебошад. Вай доир ба адабиёти классикӣ ва советии ӯзбек, робитаҳои адабӣ, оид ба баъзе намояндагони адабиёти халқҳои бародар як қатор асарҳо таълиф кардааст. Депутати Совети Олии РСС Ӯзб. (даъватҳои 6 ва 7). А. бо орденҳои Байраҳи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст. *Т. Абдуҷабборов.*

АБДУЛЛО́ЕВ Давлатбек (тав. 1918, қиш. Навдонаки р-ни Ғарм), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1949). Аъзои КПСС аз с. 1958. А. с-ҳои 1935—42 колхозчии к-зи «Роҳи Ленин»-и райони Октябрь, 1942 — 45 — иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 1946 — 50 — сардори звено ва бригадаи пахтакории к-зи «Коммунизм»-и р-ни Октябрь шуда кор кард. С. 1953 мактаби х. қ.-и Тоҷикистонро хатм карда, то с. 1960 агроном ва баъд мудири участкаи к-зи «Коммунизм»-и р-ни Вахш буд. С. 1970 фак-ти агрономии Ин-ти х. қ.-и Тоҷикистонро ғоибона хатм кард. Звенои А. с-ҳои 1947—48 ҳосили фаровони пахтаи маҳиннах рӯёнидааст. А. бо ордени Ленин, ордени Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаи 2, ордени Ситораи Сурх, ордени Шарафи дараҷаи 2 ва медальҳои тиллою нуқраи НКХХ СССР мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Ибодулло Эрмуродович (тав. 9. 12. 1918, деҳаи Қарақчиқуми р-ни Конибодом), дирижёри советии тоҷик. Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1974). Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. (1968). Аъзои КПСС аз с. 1944. Аз оилаи деҳқон. Аз с. 1930 дар Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Ленинобод муаллими скрипка буд. С-ҳои 1934—39 дар Омӯзишгоҳи мусиқии назди Консерваторияи давлатии Москва таҳсил кард. С-ҳои 1939—46 дар хизмати ҳарбӣ. Чанд муддат дар Театри академии опера ва балети ба номи Айнӣ скрипканавози оркестри симфонӣ буд. Баъди хатми Консерваторияи давлатии Москва (1950) боз ба театри мазкур баргашт (аз с. 1970 роҳбари бадеӣ ва сардирижёр). Таҳти роҳбарии А. мусиқии операҳои Ш. Сайфиддинов «Пӯлод ва Гулрӯ» (1957), С. А. Баласанян «Шӯриши Восеъ» (1958), балети П. Чайковский «Кӯли қувон» (1950), А. Ленский «Дилбар» (1954), А. Адан «Жизель» (1960), М. Ашрафӣ «Темурмалик» (1970, сазовори дипломи дараҷаи 3 конкурси умумииттифоқӣ) ва ғ. иҷро шудаанд. А. чун педагог аз с. 1950 дар мактаб ва омӯзишгоҳи мусиқӣ ва аз с. 1968 дар фак-ти санъати Ин-ти давлатии педагогии Душанбе (ҳоло Ин-ти санъат) дарс медиҳад. Ӯ яке аз тарғиботчиёни фаъоли мусиқии симфонӣ мебошад. А. бо орденҳои Байраҳи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛО́ЕВ Мирзосаид (номи аслиаш Сергей, номи падараш Константин, 1882, Оренбург — 1928, Душанбе), яке аз муборизони фаъоли пойдор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Аз оилаи коргари рус. Аъзои КПСС аз с. 1921. Баъди вафоти падараш ба Тошкент омада, ба дастаи сайёри дорбозону масхарабозон ҳамроҳ шуд. Бо ҳамин гурӯҳ ба Ҳисор омад. Аз ҳамон вақт номи Саидро гирифт. Ба ғайр аз забони модарӣ (русӣ) забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекиро хуб медонист, бинобар ин дар мактаби маҳаллӣ зуд хати арабиро аз худ кард. Минбаъд тарҷумон ва мирзои беки Ҳисор ва амалдорони Душанбе буд. Аз ин рӯ то инқилоб дар байни мардум бо номҳои Мирзо Муҳаммад Саид ва Саид тилмоч машҳур буд. Янв. 1913 ба балвои рӯҳониёни Ҳисор зид баромада, ба деҳаи Дастгираки Ёвон бадарға карда шуд. Ба Душанбе баргашта, ба духтари ҳунарманди маҳаллӣ Абдуллои читгар хонадор шуд (аз ҳамин вақт Абдуллоев). Баъди инқирози аморати Бухоро ва ба Ҳисор омадани экспедицияи ҳарбии сиёсӣ А. раиси Комитети революционии Душанбе (1921—23) буд. Дар ин вазифа ӯ дар тарғиби ғояҳои инқилобӣ, барҳам задани боқимондаҳои феодалӣ, ба амал овардани ислоҳоти аграрӣ ба манфиати деҳқонони меҳнаткаш корҳои зиёдро ба анҷом расонд. 18 июли 1922, баъди аз дастаи Анварпошшо озод карда шудани Душанбе, А. раиси Комиссияи фавқулоддаи диктатории онд ба ташкили Комитети рев-нии вилояти Душанбе таъин шуд, минбаъд — узви комиссияи диктаторӣ — сардори комитети рев-онӣ, узви комиссияи таъмини хӯрокворӣ барои Армияи Сурх, узви Комиссияи оид ба муборизаи зидди босмачигӣ дар полки 10-уми савора. С-ҳои 1924—25 раиси Суди халқии вилояти Душанбе, дар як вақт сардори Управлениеи милиции Бухорои Шарқӣ. Дар охирҳои умраш А. дар шӯъбаи махсуси корпуси 13-уми тирандозӣ хизмат карда, дар нест кардани босмачигӣ ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ фаъолона иштирок дошт. *И. Келдиев, Ш. Юсуфов.*

АБДУЛЛО́ЕВ Пӯлод Абдуллоевич (тав. 1906, қиш. Кӯлканди р-ни Исфара), ходими партиявию советӣ. Аъзои КПСС аз с. 1930. Аз оилаи деҳқон. Фаъолияти меҳнатиро аз 12-солагӣ сар кард. С. 1924 ба сафи комсомол дохил шуд. Дар курсҳои мактаби партиявию советӣ ва педагогии Самарқанд (1925—26), Ун-ти коммунистии Осиёи Миёна (1932), курсҳои олии сохтмони советии назди КИМ-и СССР (1937), Мактаби олии ташкилотчиёни партиявии назди КМ ВКП(б) (1942—43) таҳсил кард. С-ҳои 1927—28 котиби Комитети комсомолии р-ни Исфара, 1928—31 раиси комиҷроияи район. С-ҳои 1933—36 ҷонишин, баъд раиси Комиҷроияи р-ни Ҷиликӯл. С. 1938 котиби Комиҷроияи ш. Душанбе, баъд парторги КМ ПК(б) Тоҷ. Аз нояб. 1938 раиси Суди олии республика. Аз марти 1940 котиби КМ ПК(б) Тоҷ. С-ҳои 1943—61 вазири назорати давлатии республика ва ҷонишини раиси Комиссияи назорати советии Совети Вазирони РСС Тоҷ. Аз с. 1961 нафақахӯри шахсӣ. Бо орденҳои Ленин, Байраҳи Сурхи Меҳнат, 4 ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОЕВ Сайфиддин (тав. 1908, С. қ. Шаҳраки Исфара), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1956). Аъзои КПСС аз с. 1937. Фаъолияти меҳнатии А. аз чорьяккорӣ (1924—28) сар шудааст. С-ҳои 1928—30 коркуни советӣ ва с. 1933 курси олии педагогии Тошкентро хатм кард. С-ҳои 1933—37 котиби комитети комсомолии р-нҳои Исфара ва Куйбышев, 1937—38 муҳаррири газетаи «Коммунисти Исфара», 1938—45 ҷонишини директор ва сардори шӯъбаи сиёсии МТС-ҳои Исфара ва Қаромазор, 1946—65 ҷонишин ва раиси к-зи ба номи Ленини р-ни Исфара буд. Аз с. 1965 нафақахӯри шахсӣ. А. бо ордени Ленин, 5 медаль ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОЕВ Сайфулло (1899, Хоруғ — 1938), ходими партиявию давлатии Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1922. Аз оилаи деҳқони камбағал. С-ҳои 1912—15 дар мактаби русии маҳаллии ш. Хоруғ таҳсил кардааст. С-ҳои 1916—18 дар хизмати армияи подшоҳӣ дар Помир буд. Баъди ғалабаи Ҳокимияти Советӣ дар Помир с-ҳои 1918—26 аввал дар сафи отрядҳои революционӣ аъзои комиссияи фавқулодда ва муборизаи зидди ҳаракати аксулинқилобӣ, ҳанноти ва балвогарӣ, баъд раиси Комитети революционии ВАБК, мудири шӯъбаи комитети партиявии вилоят буд. С-ҳои 1926—28 мудири шӯъбаи пропаганда ва агитацияи Бюрои ташкилии ПК(б) Ӯзб. дар РАСС Тоҷ., прокурори ВАБК буд. С. 1928 ВКП(б) ӯро барои кори партиявӣ ба корхонаҳои саноати Урал фиристод. С-ҳои 1929—36 котиби масъули Комитети партиявии округи Ҳисор, мудири шӯъбаи кадрҳои КМ ПК(б) Тоҷ., комиссари халқии зироати республика, котиби КМ ПК(б) Тоҷ., раиси Комиссияи Марказии Назорат ва комиссари Инспекцияи коргару деҳқон. С-ҳои 1936—37 котиби дуюми КМ ПК(б) Тоҷ. Вакили съезди 17 ВКП(б). Борҳо аъзои КМ ва бюрои КМ ПК(б) Тоҷ., аъзои КИМ-и РСС Тоҷ. интихоб гардид. Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

И. Келдиев.

АБДУЛЛОЕВ Саттор (1924, деҳаи Яхшиобод, С. қ. Сешанбе, р-ни Регар — 1972, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Аъзои КПСС аз с. 1943. А. ҳисобчии бригада (1940—42), сардори звено (1943—46), сардори бригада (1947—52), ҳисобчии колхоз (1953—56) ва колхозчии к-зи «Ленинизм»-и р-ни Ҳисор (1957—68) шуда кор кардааст. Звенои А. с. 1947 ҳосили фаровони пахта рӯёнидааст. А. бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва 3 медаль мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОЕВ Тоҷибой (тав. 1922, қиш. Ғулакандози р-ни Пролетар), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). А. с-ҳои 1940—42 колхозчӣ, 1943—45 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 1946—65 сардори звенои пахтакорӣ, аз с. 1966 сардори бригадаи пахтакории к-зи Ленини р-ни Ҳисор. Звенои А. с-ҳои 1946—47 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. А. бо ордени Ленин, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ., медальҳои биринҷию нуқраи НКХХ СССР мукофотонида шудааст.



АБДУЛЛОЕВ Убайдулло (тав. 1927, р-ни Олтиариқи вил. Фарғона, РСС Ӯзб.), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1962). А. с-ҳои 1944—52 сардори звено, 1953—67 сардори бригадаи пахтакорӣ ва аз с. 1968 механики к-зи «Ленинград»-и р-ни Ленин. Бригадаи А. с-ҳои 1960—62 механикониии комплексии парвариши пахтаро ҷорӣ карда, ҳосили фаровон рӯёнидааст. А. бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат, медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОЕВ Хайрулло (тав. 1. 2. 1930, ш. Кӯлоб), бастакори советии тоҷик. Аз оилаи машшоқ. Мусиқии халқиро аз падар омӯхтааст. С-ҳои 1943—48 ғиҷҷакнавози Театри мусиқии драмавии Кӯлоб. Омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе (1953) ва шӯъбаи бастакории (синфи А. Н. Александров) Консерваторияи давлатии Москваро хатм кардааст (1958). С-ҳои 1958—60 муаллими Омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе, 1960—65 сармуҳаррири редакцияи мусиқии студияи телевизиониии тоҷик ва с-ҳои 1965—67 мудири кабинети мусиқии Хонаи республикавии эҷодиёти халқ (Душанбе), аз с. 1968 сармуҳаррири редакцияи мусиқии телевизиониии тоҷик. Муаллифи трио барои скрипка, виолончель ва фортепиано (1956); кантатаи «Садои Осиё» (1957); концерт барои скрипка бо оркестри симфонӣ (1958); симфониэтта (1963); достони вокалии симфонӣ ба шеъри М. Турсунзода «Ба В. И. Ленин» (1965); достони вокалии «Нолаи Таҳмина» аз рӯи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (1967); «Достони симфонӣ» (1972); 4 рақси симфонӣ (1973) ва як қатор романсҳо. А. 50 номгӯй асар барои фортепиано, ғиҷҷак, рубоб; асарҳо барои хор, дуэтҳо, сурудҳои ҳаҷвӣ эҷод қардааст. Барои спектакльҳои «Қишлоқи тиллоӣ» ва «Бо роҳи падарон»-и М. Миршакар, «Интихоби домод»-и Ҳ. Содиқ ва ғ. мусиқӣ навиштааст. Эҷодиёти А. обуранги хоси миллӣ дорад.

АБДУЛЛОЕВ Ғаффор (тав. 1927, қиш. Декабули Кӯлоб), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1973). Аъзои КПСС аз с. 1968. А. баъди хатми мактаби механикониии х. қ. (1943) то с. 1949 трактори ва баъд мудири агроучастка, аз с. 1963 сардори бригадаи комплексии механикониии к-зи ба номи Ленини р-ни Восеъ мебошад. Бригадаи А. с-ҳои 1971—72 аз ҳар га 43—51 ц-рӣ ҳосили пахта рӯёнидааст. А. депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 8 ва 9). А. бо ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОЕВ Ҳабиб Мухаммадович (31. 8. 1912—20. 6. 1962), геологи советӣ, акад. АФ РСС Ӯзб. (1947), аъзо-корр. АФ СССР (1958), президенти АФ РСС Ӯзб. (1956—62). Аъзои КПСС аз с. 1941. А. фак-ти геологияи Ин-ти политехникии Осиёи Миёнаро хатм кардааст (1935). Аз с. 1936 дар Ин-ти иктишофи (разведкаи) геологии Москва, аз с. 1940 дар фак-ти геологияи Ин-ти политехникии Осиёи Миёна бо кори педагогӣ машғул буд. Ӯ масъалаҳои назарияви петрология, таълимоти роҷеъ ба конҳои маъдан, проблемаи скарнҳо ва маъданҳои ба онҳо вобастаро кор кардааст. Назарияи қонунияти ташаккул ва паҳншавии маъданҳоро дар қишри замин пешниҳод кард. Депутати Совети Олии СССР (даъвати 5). Барои асарҳои илмиаш оид

ба роли гранитоидҳо дар пайдоиши маъданҳои постмагмавӣ сазовори Мукофоти ленинӣ гардидааст (1959). Бо ордени Ленин ва 6 ордени диг. мукофотонида шудааст.

Ас.: Геология шеелитоносных скарнов Средней Азии, Ташкент, 1947; Генетическая связь оруденения с гранитоидными интрузиями, 2 изд., М., 1954; Дайки и оруденения, М., 1957.

АБДУЛЛОЕВ Ҳасан Мамедбоғир ўғлӣ (тав. 20. 8. 1918, деҳаи Яйчӣ, р-ни Ҷулфини РСС Озарб.), физики советӣ, аъзо-корр. АФ СССР (1970), акад. АФ РСС Озарб. (1955), президенти АФ РСС Озарб. (аз 1970), Ходими Хизматнишондодаи илми РСС Озарб. (1974), Лауреати Мукофоти давлатии Озарбойҷон (1972). Аъзои КПСС аз с. 1942. Аз с. 1959 директори Ин-ти физикаи АФ РСС Озарб. С-ҳои 1968—70 котиб-академики шӯъбаи физикаю математика ва техникаи АФ РСС Озарб. Корҳои илмиаш дар соҳаи физикаи селен ва асбобҳои селенӣ, тадқиқоти нимноқилҳои мураккаб, тадқиқоти роли селен дар процессҳои биологӣ ба А. шӯҳрат овард. С. 1956 бо ташаббуси А. дар Ун-ти давлатии Озарбойҷон кафедраи нимноқилҳо кушода шуд. А. иштирокчии як қатор симпозиумҳои байналхалқӣ мебошад. А. муаллифи 30 ихтироот ва 400 кори илмӣ аст, ки зиёда аз 50-тои онҳо дар ҳориҷа нашр шудаанд. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 8 ва 9). С. 1971 А. бо медали С. И. Вавилов мукофотонида шуд.

АБДУЛЛОЕВА Бибизумрад (тав. 1919, қиш. Куркати р-ни Нов), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1957). Аъзои КПСС аз с. 1953. А. с-ҳои 1937—72 колхозчӣ, сардори звено ва сардори бригадаи к-зи ба номи Тельмани р-ни Колхозобод буд. Бригадаи А. с-ҳои 1955—59 аз навъҳои пахтаи маҳиннаҳи тухмии станцияи таҷрибавии Вахш аз ҳар га 35—41 ц ҳосил рӯёнд. Аз с. 1973 нафақахӯри шахсӣ. А. бо 2 ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОЕВА Сайрамбибӣ (1911 деҳаи Ҳисораки собиқ р-ни Ҳоити Ғарм — 16. 4. 1929, ҳамон ҷо), яке аз аввалин муаллимаҳо аз вил. Ғарм. Аъзои комсомол аз с. 1928. Аз оилаи деҳқони камбағал. Баъди хатми курси муаллимии р-ни Ғарм (1928) дар зодгоҳаш муаллимаи синфҳои ибтидоӣ таъин шуд. Ғайр аз муаллимӣ ҳамроҳи дугонаҳои ҳамкасбаш *Гадоева* Оламбибӣ ва *Қосимова* Маълумбибӣ дар байни ҳамқишлоқҳояшон корҳои оммавӣ-сиёсӣ мебурд, мардумро ба сохтмони ҳаёти нави социалистӣ ташвиқ мекард. Апр. 1929 дастаи босмачиёни Фузайл Махсум Ҳоитро ишғол карда, бо ин-вои бою рӯҳониён ин се нафар муаллимаро дастгир намуда, 16 апр. ба дор овехтанд. Дар боғи маданият ва истироҳати Ғарм ба ёди шаҳидони роҳи озодӣ муҷассамае гузошта шудааст, ки А. ҳам дар пояи он мадфун аст. Дар пьесаи М. Бахтӣ — «Лаҳзаи ҷовид» образи А. ва дугонаҳояш инъикос ёфтааст.

АБДУЛЛОЗОДА Абдуқаҳҳор (1893, қиш. Қистакӯзи р-ни Хуҷанд — 23. 2. 1975, р-ни Хуҷанд), ходими маорифи халқи РСС Тоҷ. Аъзои КПСС аз с. 1946. Аз оилаи деҳқони камбағал. С. 1914 дар деҳаи Қистакӯз нахустин мактаби русӣ кушода шуд ва А. дар он савод омӯхт. Баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь ӯ дар Тошкент курси кӯтоҳмуддати муаллимиро хатм кард. А. ҳамчун яке аз нахустин тарғиботчиёни фаъоли илму маърифат дар вазифаҳои гуногуни органҳои маорифи халқи республика кор кард. То вақти ба нафақа баромадан директори мактаби миёнаи № 5-и р-ни Хуҷанд буд. Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2, 3 ва 4-ум), Муаллими Хизматнишондодаи Мактаби РСС Тоҷ., бо орденҳои Ленин ва Байраҳи Сурхи Меҳнат, медалу грамотаҳо мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОЗОДА Файзулло (1909, Хуҷанд — Ленинобод ҳозира — 1966, ҳамон ҷо), педагог. Муаллими Хизматнишондодаи Мактаби РСС Тоҷ. (1958). Аъзои КПСС аз с. 1945. Аз оилаи савдогари хурд. Дар мактаби кӯҳна ва мактабҳои советӣ савод омӯхт. Аз с. 1927 ҳамчун муаллими мактаб кор сар кардааст. А. с. 1932 Ин-ти Олии педагогӣ-аграрии Тошкент ва с. 1949 курси назарии аспирантураи Ин-ти забони АФ СССР-ро тамом кард. Аз рӯзи таъсиси Ин-ти педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров (1932) то вафоташ А. муаллими забону адабиёт ва як муддат мудири кафедраи адабиёти тоҷик буд. А. бо медалу ғрамотаҳо мукофотонида шудааст.

АБДУЛЛОХУҶАЕВ Закӣ Ёқубович (тав. 12. 2. 1929, Хуҷанд), инфекционист, доктори илми тиб (1967), проф. (1969). Аз оилаи меъмор. Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро хатм кардааст (1950). С. 1955 дисс. номзадӣ ҳимоя намуд. С-ҳои 1955—60 ассистент, доценти кафедраи беморихои сироятии Ин-ти тиббии Тоҷикистон. С. 1965 дар мавзӯи «Омӯзиши процесси оксиду барқароршавӣ ва мувозанати кислотаю ишқор ҳангоми бемории Боткин» дисс. докторӣ ҳимоя кард. С-ҳои 1967—68 ҷонишини директор оид ба корҳои илмии Ин-ти эпидемиология ва гигиенаи Душанбе. Аз с. 1968 мудири кафедраи беморихои сироятии бачагонаи Ин-ти тиббӣ ва саринфекционисти Вазорати нигаҳдории тандурустии республика оид ба касалиҳои бачагона. Оид ба проблемаҳои патологияи касалиҳои сироятӣ зиёда аз 70 асари илмӣ, таълимию методӣ дорад, аз ҷумла «Ташхису муолиҷаи бемории Боткин дар бачагон (1970) ва «Тарзу усулҳои муолиҷаи баъзе беморихои вазнини бачагона» (1972).

АБДУЛЛОҲИ ГУРОН عبدالله گوران (номи пуррааш Абдулло Сулаймони Гурон, тав. 1904, Сулаймония, Ирок), шоири курд (Ирок). С-ҳои 1927—35 муаллими мактаб, баъдтар муҳаррири газетаи «Ҳаёт» (1952—54) буд. Барои фаъолияти сиёсиаш бадарға ва ҳабс шудааст. Шеърҳои аввалинаш ӯ с. 1920 ба табъ расидаанд. Шеъри «Тӯҳфаи худои ҷанг» (1941) ба муқобили милитаризм, қасидаи «Лавеки сурх» (1950) ба муқобили таҷовузи империализм дар Корея равона шудааст. С. 1958 А. Г. ба СССР омада, чандин шеъри зиддиимпериалистӣ, аз ҷумла, «Зиндони Аждаҳак»-ро навишта буд. Дар ин асар А. Г. дунёи капиталистиро ба зиндони ҳокими золим — Аждаҳак (Заҳҳок) монанд кардааст.

АБДУЛЛОҲИ КОБУЛӢ عبدالله کابلی Ибодуллоҳ мутахаллис ба Гуноҳӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва муаррихи охири а. 16 ва аввали а. 17 форсизабони Ҳиндустон. Зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии А. К. дар сарзамини Ҳинд ҷараён ёфтааст. Ӯ ба Гуҷарот, Кашмир, ш.-ҳои Лоҳур, Аҳмадобод, Деҳлӣ ва ғ. сафар карда, бо илму маданият ва ҳаёти мардуми ин сарзамин шинос мешавад. Аз А. К. асаре бо номи «Тазкират-ут-таворих» боқӣ мондааст, ки байни с-ҳои 1582—1601 таълиф шудааст. Китоб аз 6 боб иборат аст. Махсусан боби 3, ки оид ба 195 шоирони гузаштаву муосири муаллиф маълумот медиҳад ва боби 6, ки воқеаҳои таърихию маданиии асри муаллифро дарбар мегирад, аҳамияти калони таърихӣ ва илмию адабӣ дорад. А. К. дар шеъри Гуноҳӣ тахаллус дошта, намунаҳои ашъори ӯ дар бобҳои гуногуни тазкира оварда шудааст, ки бештараш қитъаи таърих аст.

Ш. Нуриддинов.

АБДУЛЛОҲИ КОТИБ عبدالله کاتب (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти тоҷики а. 19. Дар Бухоро ҳаёт ба сар бурдааст. Падараш бо номи Аваздадал Котиби Балхӣ машҳур буд.

САМОЛЕТХОИ АВИАЦИЯИ ҲАРБӢ



Ил-28

МиГ-21

Ту-16

Самолёти ҷанги қаноташ дар парвоз тағйирпазир



Самолёти ракетиҳаш дурпарвози фавқуссадо



Қиркунандаи ҳарбиҳои пешгир

Бомбандози стратегии реактивӣ



Қиркунандаи тактикии қаноташ тағйирпазир „Мираж — IIIC" (Фр.).



Бомбандози стратегии В-58 (ШМА)



Самолёти амудиҳар

Бо иҷ Аҳмадов

САМОЛЕТУ ВЕРТОЛЕТҲОИ АВИАЦИЯИ ГРАЖДАНӢ

Ил-18

Ил-62

Ан-24



Ан-22 („Антей")



Як-40

ДС-8 (ШМА)

Ту-154

„Каравелла" (Франц.)



Ту-144

Ми-8

Ми-10

Ка-26

Ба мақ. Авиация.

А. К. осори бисьёри хаттотӣ дошта-аст, ки баъзеи онҳо то давраи мо расидаанд. «Воқеоти Ҳисомӣ»-и Ҳисомуддин Умари Бухорой (1820), «Шарҳ-ул-фусул»-и Рукнуддини Шерозӣ (1821), «Чаҳор унсур»-и Бедил (1824), «Анвори Суҳайлӣ» (ё «Калила ва Димна»)-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (1824) барои китобатҳои ӯ дар Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Ӯзб. маҳфузанд

АБДУЛЛОҲИ МАРВОРИД عبدالله مروارید Хоҷа Шиҳобуддин (с. тав. номаълум — ваф. 1516, Ҳирот), шоир, олим, мунши, мусиқидон, оҳангсоз. Бо тахаллуси Баёнӣ низ маълум аст. А. М. дар оилаи вазир таваллуд ва камол ёфта, с-ҳои зиёд мӯҳрдор, вазир ва парвоначӣ (масъули қабулгоҳ)-и Ҳусайни Бойқаро будааст. Вай муаллифи девони қасида ва ғазалиёт, маҷмӯаи рубоиёт, «Маҷмӯаи тамсилот», «Мӯнис-ул-аҳбоб» ва достони «Хисрав ва Ширин» мебошад. Доир ба мусиқӣ ва адвор рисолае низ навиштааст. Дар а. 15 бисьёр оҳангҳои ӯ дар байни халқ маъмул буд. *А. Афсаҳзод.*

АБДУЛЛОҲИ МУНШӢ عبدالله منشی ибни Абдулқодир (1796, Малакка — 1854, Макка), нависандаи маорифпарвари Малай ва Индонезия, асосгузори насри бадеӣ ба забони малай. А. аз адибони Малай нахустин касест, ки бо маданияти Ғарб шиносо шуда, онро тарғиб кардааст. Муаллифи асарҳои ёддоштии публицистии «Ҳикояти Абдуллоҳ» (1849), «Қиссаи саёҳати Абдуллоҳ ибни Абдулқодир аз Сингапур то ба Калантон» (1849), «Қиссаи саёҳати Абдуллоҳ ба Ҷидда» (1854). Дар ин асарҳо зисту зиндагонии халқ бо рангинбаёнӣ тасвир шудааст. А. барои покизагии забони малаӣ кӯшиши зиёд намуд. Аз забони тамилӣ китоби «Калила ва Димна»-ро тарҷума кардааст (1835).

АБДУЛЛОҲИ МУСАВВИРИ ХУРОСОНӢ عبدالله مصور خراسانی (с. тав. ва ваф. номаълум), наққош ва рассоми а. 16. Аз ҷиҳати услуб ба мактаби санъати тасвирии Бухоро таллуқ дорад. Вале дар асарҳои ӯ таъсири анъанаҳои мактаби тасвирии Ҳирот дида мешавад. А. М. Х. ин равияро аз мусаввири боистеъдод Маҳмуди Музаҳҳиб омӯхта, ҷиҳатҳои пешқадами онро давом додааст. То замони мо аз нигоришоти ӯ минётурҳои «Гулистон» (1542) ва «Бӯстон»-и Саъдӣ (1575), «Тӯҳфат-ул-Аҳрор»-и Ҷомӣ (1550 ва 1575) омада расидаанд. Услуби хоси А. М. Х. он аст, ки вай ҷиҳатҳои реалистии санъати тасвирии халқи тоҷикро инкишоф медиҳад, мусаввараҳои ӯ бо нозукиҳо возеҳиятбинандаро мафтун мекунад.

Ад.: Ашрафи М. М., Бухарская школа миниатюрной живописи 40—70-е годы XVI в., Д., 1974.

АБДУЛЛОҲИ НОЙ عبدالله نائی (с. тав. ва ваф. номаълум), навозанда, ҳофиз, мусиқишинос ва бастакори а. 15. Дар Ҳирот тав. шуда, дар Балх ваф. кардааст. Ӯ чун санъаткор дар Мовароуннаҳр ном бароварда, бештар дар Ҳирот, Ҳисор ва Балх зиндагию эҷод кардааст. Дар уд ва найнавозӣ устод буд, сурудро некӯ меҳонд. А. Н. дар вазни мақомҳои «Кӯчак», «Буслик», «Ҳусайнӣ», «Ироқ» ва ғ. оҳангҳои «Савт», «Амал», «Кор», «Пешрав», «Нақш» ва диг.-ро офаридааст.

АБДУЛЛОҲИ САЙРАФӢ عبدالله سیرفی (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти а. 14 форс. А. С. дар Табрез ба камол расида, дар ҳамон ҷо аз хушнависони номии ҳамин давр Юсуфи Машҳадӣ ва Саид Ҳайдар таълим гирифтааст. А. С. яке аз устодони хати сулс ба шумор меравад. Аз осори санъати хаттотии ӯ намунаҳои зиёде боқӣ мондаанд («Абӯсаиднома», «Меъроҷнома», «Таърихи Чингиз» ва ғ.), ки дар Ҳайдаробод ва Бамбай маҳфузанд. А. С. дар катиба низ моҳири замон буд. Пештоқу дохили якчанд мадрасаю қасрҳои Табрез ва Димишқ бо катибаҳои ӯ оро ёфтаанд. А. С. дар бораи санъати хушнависӣ тазкирае навишта будааст.

АБДУЛЛОҲИ ТАББОХ عبدالله طباخ (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттоти а. 15. Дар Ҳирот ба дуньё омада, дар ҳамон ҷо ба камол расидааст. А. Т. дар навиштани таш намуди хат устод буд. Намунаҳои катибаи ӯ дар якчанд ёдгориҳои меъморӣ боқӣ мондааст. Пештоқ ва дохили баъзе биноҳои ш. Ҳирот (ансамбли Козоргоҳ) ва Машҳад (ансамбли Оғочабегим) бо қалами ӯ оро ёфтаанд. А. Т. инчунин дар санъати ороиши китоб, яъне афшон (барафшон) ва тармим ҳунарманд буд.

АБДУЛЛОҲИ ТӮСӢ عبدالله طوسی (с. тав. номаълум — ваф. 1464, Шероз), шоири ғазалсаро ва масалнависи форс-тоҷик. А. Т. соҳибдевон буда, ба қавли Навоӣ ашъораш дилфиреб будааст. Дар масалнависӣ муосиронаш (Шукрӣ, Рафиқӣ ва диг.) бештар ба ӯ пайравӣ кардаанд. Девони ғазалиёти А. Т., ки аз ҳазор байт иборат аст, дар Бамбай ва Теҳрон бо номи девони Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ба табъ расидааст.

Ад.: مجالس النفایس، ترجمهٔ حکیم شاه محمد قزوینی تهران، ۱۳۲۳ ه. ش.

АБДУЛЛОҲИ ХАТЛОНӢ عبدالله ختلانی Бурҳонуддин (с. тав. номаълум — ваф. 1488), шоир ва донишманди тоҷик. Дар тасаввуф чандин асар таълиф кардааст, ки «Кашф-ул-ҳиҷоб» ва шарҳи «Ламаот»-и *Фахруддини Ироқӣ* аз ҷумлаи онҳоянд.

«АБДУЛЛОҲНОМА» عبدالله نامه — асари таърихӣ, таълифи *Ҳофизи Таниш* ибни Мирмуҳаммади Бухорӣ. Бо номҳои «Шарафномаи шоҳӣ», «Зафарнома» низ машҳур. Ба забони тоҷикӣ навишта шудааст. Тасвири батафсили воқеаҳои давраи *Абдуллоҳхони II* (1534—98) ба гумони ғолиб меоварад, ки асар бо супориши махсуси худи ӯ таълиф ёфтааст. Мувофиқи сарсухан китоб бояд аз муқаддима, ду мақола — фасл ва хотима иборат мебуд, вале хотимаи китоб то ба мо нарасидааст. Дар муқаддима дар бораи истилои мӯғулҳо, ташкил ёфтани давлати Абдуллоҳхон ва шаҳараи Шайбониён маълумот ҳаст. Мақолаи якум воқеаҳои аз рӯзи таваллуди Абдуллоҳхон то ба тахт нишастани ӯро инъикос менамояд. Ин ҷо аз хусуси ҷангҳои хон ба муқобили Наврӯз Аҳмадхон ва *Абдуллатифхон* (1551), Бухороро забт кардани Абдуллоҳхон (1557), хони тамоми ӯзбекҳо эълон шудани Искандархон (1561), муборизаи Абдуллоҳхон ба муқобили шоҳзодагони саркаш, ба аморати Бухоро тобеъ намудани Балх (1573), Самарқанд (1578) ва ғ. сухан меравад. Дар мақолаи дуюм асосан ҳодисаҳое дарҷ гардидаанд, ки онҳо баъди ба тахт нишастани Абдуллоҳхон ба вуқӯъ омадаанд. Дар он аз хусуси забт кардани Бадахшон, Хуросон, Гелон ва Хоразм, тезу тунд шудани муносибати ӯ бо писараш Абдулмӯъмин фактҳои бисьёре оварда шудаанд. Дар «А.» дар бораи хусусиятҳои этникии халқҳои Осиёи Миёна ва урфу одати онҳо маълумоти гаронбаҳо ҳаст. Дар навиштани «А.» Ҳофизи Таниш аз асарҳои таърихии Наршахӣ, Рашидуддин, Ҷувайнӣ, Мирхонд, Алии Яздӣ, Кошифӣ, Мирзо Ҳайдар ва диг. истифода кардааст. Дар асар ашъори классикони форс-тоҷик ва ҳар ҷо-ҳар ҷо шеърҳои худи муаллиф вомехӯранд.

Ад.: Стори Ч. А., Персидская литература. Био-библиографический обзор, ч. 2, М., 1972. *А. Мухторов.*

АБДУЛЛОҲХОНИ II عبدالله خان (1534, Миёнкол — 1598, Бухоро), хони Бухоро аз сулолаи *Шайбониён.* Баъди муборизаҳои дохилие, ки с. 1551 сар шуда буд, с. 1557 Бухороро забт ва пойтахти давлати Шайбониён эълон кард. С-ҳои 1557—83 барои аз нав муттаҳид кардани сарзамини Мовароуннаҳр, ки баъди марги Шайбонихон (1510) ба порчаҳо тақсим шуда буд, муборизаи бурд. С. 1573 Балх, 1574 Ҳисор, 1578 Самарқанд, 1582 Тошкент, 1584 Бадахшон, 1588 Ҳирот ва минбаъд дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросонро забт намуд. Дар аҳди А. дар Бухоро, Самарқанд ва шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр иншооти обёрӣ, роҳҳо, пулҳо, корвонсаройҳо ва масҷиду мадрасаҳо (ниг. *Мадрасаи Абдуллоҳхон*) сохта шуд. Бозори болопӯше, ки А. сохта буд, то ҳол дар байни мардуми Бухоро бо номи тими Абдуллоҳхон машҳур аст. А. ба савдои беруниӣ ва дохилӣ аҳамияти махсус медод. Ба ин ислоҳоти пулии ӯ, ки тамоми мамлакатро бо пули якхела таъмин менамуд, низ шаҳо-

ЦЕНТРАЛЬНАЯ БИБЛИОТЕКА

дат медиҳад. Ҳамаи ин ислоҳоту сохтмонҳо ба манфиати феодалҳову хазинаи хон нигаронида шуда буд ва дар шакли феодалии истисмори халқ тағйире ба амал наомад. А. бо Россия, Ҳиндустон, Туркия алоқаҳои тиҷоратӣ ва дипломатиро ба роҳ монд.
А. Абдуманнонов.

АБДУЛМАЛИК عبدالملك ибни Марвон (646 ё 647—705), яке аз золимтарин халифаҳои араб аз сулолаи *Умавиён*, ки дар Димишқ байни с-ҳои 685—705 ҳукмронӣ кардааст. А. исьёнҳои Абдуллоҳ ибни Зубайдро дар Макка ва тарафдорони ӯро дар Ироқ (685—692), Абдуллоҳ ибни Ашрасро дар Эрон (700—702), инчунин шӯриши хориҷиҳоро дар Ироқ (692—697) бераҳмона фурӯ нишонд. А. ягонагии хилофати арабро барқарор карда, якчанд ислоҳот гузаронд: дар корҳои давлатӣ забони арабиро ҷорӣ намуд, тангаҳои румию эрониро, ки дар муомилот буд, бо тангаҳои давлатии худ иваз кард. *Н. Қосимов.*

АБДУЛМАЛИК عبدالملك ибни Нӯҳ, номи ду ҳоким аз хонадони Сомониён.

Абдулмалики I (тав. номаълум — ваф. 961), ҳокими Мовароуннаҳру Хуросон (954—961). Дар аҳди А. I таъсири сардорони лашкар, ки асосан аз турҳо буданд, афзуд. А. I ҳокимияти хилофатро эътироф намуда, маҷбур шуд ҷангро бо оли Бӯя, ки онро падараш Нӯҳ ибни Наср сар карда буд, бо сулҳи барои Сомониён вазнин анҷом диҳад. Дар аҳди салтанати А. I ҳокимият аслан дар дасти *Алптагин* ва вазир Абӯ Алӣ Балъамӣ буд, низоъҳои дарбориён, саркашии феодалон ва ҳокимони маҳаллӣ авҷ гирифт.

Абдулмалики II (с. тав. ва ваф. номаълум), охирин ҳокими Мовароуннаҳр (1 февр. 999—23 окт. 999) аз хонадони Сомониён. Пас аз сарнагун шудани бародараш *Мансур ибни Нӯҳ* сардори давлат шуд. 16 мои 999 дар ҷанги назди Марв аз Маҳмуди Ғазнавӣ сахт шикаст хӯрд ва Хуросонро ба ӯ гузошта, ба Бухоро баргашт. Тирамоҳи ҳамон сол ба Бухоро Наср ибни Алии Қарахонӣ ҳуҷум кард. А. оммаро бар зидди душман бархезонида натавонист. Лашкаркашони аз ҷумлаи ғуломони турк ба тарафи душман гузаштанд. 23 окт. 999 Наср ибни Алӣ бечанг ба Бухоро дохил шуд ва А.-ро бо диг. намояндагони хонадони Сомониён ба Ӯзганд бадарға кард. *Ӯ. Пӯлодов.*

АБДУЛМУИС (3. 7. 1886, Букеттинш — 17. 6. 1959, Бандунг), нависанда ва журналисти индонезӣ. Мактаби олии тиббиро дар Ҷакарта тамом кардааст. А. яке аз роҳбарони нахустин ташкилоти оммавии индонезии «Шарикати ислом» буд. Яке аз асарҳои марҳилавии адабиёти индонезӣ романи А. «Тарбияи нодуруст» (1928) мебошад, ки дар он маданияти Ғарбро нодуруст фаҳмидани баъзе ҷавонони индонезӣ ва таъқиби нажодӣ танқид шудааст. А. муаллифи романҳои «Сурапати» (1951), «Роберт, писари Сурапати» (1953) мебошад. Асарҳои адабиёти классикии малай: «Бахтиёрнома», ки яке аз китобҳои пандуахлоқии адабиёти қадими форсӣ-тоҷик аст, «Ҳикоёти Мурдаҳай», «Сабай нан Алуйҳ» ва ғ.-ро нашр ва асарҳои Сервантес, Марк Твен ва диг.-ро тарҷума кардааст.

АБДУЛМӮЪМИНИ УРМАВӢ عبدالمؤمن ارموی Сафиуддин (1230, Урмия — 1294, БаҒдод), мусиқишинос ва бастакори форс-тоҷик. Асари калонтарини илмию назарии ӯ «Китоб-ул-адвор» (1252) аст, ки аз масъалаҳои муҳими санъати мусиқӣ баҳс менамояд. Пас аз шикаст хӯрдани халифаи Аббосӣ Мустаъсим аз тарафи Ҳалокухон (1217—65) А. У. дар дарбори хонҳои муғул надим ва мудири китобхона буд. Дар ин давра асари «Рисолат-уш-шарафия»-ро навишт, ки дар он оид ба мақомҳо, таркиби овозии онҳо, асбобҳои мусиқӣ, мисли уд, таркиби пардавии он, афкори мусиқии Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, дар бораи консонансу диссонанс (муттафиқу мутанофир), зарбу вазн ва ғ. сухан меравад. А. У. бори аввал дар таъриҳи афкори мусиқии Шарқ табулатураи (як шакли нотанависӣ) мусиқиро ба миён гузошт. А. У. офарандаи ду асбоби мусиқии «Нузҳат» ва «Муғнӣ». Рисолаи «Беҳҷат-ур-руҳ»-и А. У. ба масъалаҳои асосии санъати мусиқӣ, асбобҳои мусиқӣ ва мақомҳо («Дувоздаҳмақом») бахшида шудааст. Асарҳои А. У. ба забонҳои франсавӣ, немисӣ, англисӣ ва туркӣ тарҷума шудааст. *А. Раҷабов.*

АБДУЛХОЛИҚИ ҒИҶДУВОНӢ عبدالخالق غجدوانی ибни Абдулҷамил (с. тав. номаълум — ваф. 1179), назариётчӣ ва асосгузори тариқати хоҷагон, пири рӯҳонии *Баҳоуддини Нақшбанд*. Моҳияти таълимоти идеалистии А. Ғ. дар китоби ӯ «Васиятнома», ки роҷеъ ба маърифати ҳаҚ ва шароити он мебошад, ифода ёфтааст. А. Ғ. дар таснифоти худ ба ҳар кас зарурати шуғли касбро тарғиб намудааст. Дар таълимоти А. Ғ. боварӣ ба сарнавишту қисмат зоҳир гардидааст. Ақоиди А. Ғ. бо дини ислом алоқаи зич дорад. Аз осори фалсафии ӯ, ки ҷанбаи тасаввуфӣ доранд, рисолаҳои зерин боқӣ мондаанд: «Маноқиби Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ»—шарҳи ҷараёни аҳвол ва мундариҷаи осори устодаш Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, «Ибтидои ҷомеъ-ул-кулам» ё «Васиятнома» — панду насиҳатҳои А. Ғ. ба писарҳондаш Авлиёи Кабир; «Маслак-ул-орифин», ки мазмунан бо «Ибтидои ҷомеъ-ул-кулам» наздик аст. *М. Султонов.*

АБДУЛҒАФУРИ ЛОРӢ, عبدالغفور لاری Разиуддин (тақр. с-ҳои 40 а. 15. Лори Форс — 1506, Ҳирот), олими форс-тоҷик, «Нафаҳот-ул-унс» ва «Фавоиди зиёия»-и Ҷомиро шарҳу ҳошия бастааст. Асари машҳуртарини ӯ «Такмила» ба «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ шарҳи зиндагии Ҷомиро дарбар гирифтааст. А. Л. бисьёр асарҳои Ҷомиро нусха бардошта бо аслаш муқоиса менамуд ва аз назари Ҷомӣ мегузаронид. А. Л. яке аз шогирдони Ҷомӣ буд. *А. Афсаҳзод.*

АБДУЛҚОДИРИ БАДОЮНӢ عبدالقادر بدایونی ибни Мулукшоҳ ибни Ҳомид (1540, Тӯдаи Ҳиндустон — 1595), шоир, мутарҷим ва муаррихи форсизабони Ҳиндустон. Дар ҷавонӣ дар Санбаҳл зиндагӣ карда, с. 1559 ба Басовар, сипас ба Агра рафта, баъдтар ба хидмати Ҳусейнхони Ҷогирдори Патиёкӣ дохил мешавад. Чанд муддат дар дарбори *Акбар* имом ва мунши буда, ба тарҷумаи китобҳои санскрит шурӯъ мекунад. Тарҷумаи форсии «Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Баҳр-ул-асмор» ва «Таъриҳи Кашмир»-и ҳиндӣ ба қалами А. Б. тааллуқ дорад. Инчунин «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавиро низ аз арабӣ ба форсӣ гардондааст. Муҳиммтарин асари таъриҳии худи А. Б. «Мунтаҳаб-ут-таворих» маъруф ба «Таъриҳи Бадоюнӣ» аст, ки воқеа ва ҳодисаҳои аз замони Ғазнавиён то с-ҳои 90 а. 16-ро дарбар мегирад. Китоби «Ҷомеъ-ут-таворих»-и *Рашидуддин Фазлуллоҳро* бо номи «Интихоби ҷомеи Рашидӣ» таҳрир ва такмил кардааст.

АБДУЛҚОДИРИ ГЕЛОНӢ عبدالقادر گیلانی ибни Абусолеҳ Мӯсо ибни Абдуллоҳ ибни Яҳьё маъруф ба Ғавсулаъзам (с. тав. номаълум — ваф. 1166), асосгузори ҷараёни *ҚодирИя*. А. Г. дар БаҒдод аз Абӯзакариёи Табрезӣ илмҳои маъмули замонро омӯхтааст; фиқҳу тасаввуфро хуб медонист. Таълимоти тасаввуфии ӯ ба мазҳабҳои *шофеия* ва *ҳанбалия* қаробат дорад. Асарҳои асосиаш: «Футӯҳ-ул-ғайб» («Кушодани ғайб»), «Башоир-ул-хайрот» («Мужданҳои некиҳо»), «Ал-ғаниятут-толибия», («Сарвати толибон») «Ал-фатҳ-ур-раббонӣ ва-л-файз-ур-раҳмонӣ», («Кушоиши раббонӣ ва файзи илоҳӣ»), «Мулаффазоти қодирия»; маҷмӯаи номаҳои муаллиф «Мактуботу қутб-ил-муҳаққиқин ва ғавс-ул-халоиқ («Номаҳои қутби муҳаққиқон ва ҳомии халоиқ»), ном дорад. Тарҷума ва тафсири тоҷикии қавлҳои Шайх Абулмаолӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (ваф. 1095) низ ба қалами А. Г. мансуб аст. *М. Султонов.*

АБДУЛҚОДИРИ ГӮЯНДА عبدالقادر گوینده Хоҷа Камолуддин (Низомуддин) ибни Ғайбӣ ибни Айнӣ (1376, деҳаи Нойини вил. Исфаҳон — 1435, Ҳирот), ҳофиз, бастакор ва мусиқишинос. Дар синни 4-солагӣ ба мактаб рафт ва дар 10-солагиаш илмҳои сарфу наҳв, маонӣ ва ғ.-ро омӯхт. Илми мусиқӣ ва таркиботи онро аз падараш таълим гирифт. Аз ҷавонӣ шеър мегуфт ва оҳанг меофарид.

Дар навохтани най, уд, чанг, чагона, ачабруд, рубоб ва ғ. маҳорати том дошт. Барои най оҳангҳои «Пешрави дор», «Савти най»-ро офаридааст. А. Г. ба шеърҳои Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва диг. оҳангҳо эҷод намудааст. «Амали Наср», «Таронаи Ироқ», «Амали Муҳайяр» ба мақомҳои «Рост», «Бузург», «Ироқ», «Дугоҳ» ва «Таснифи Хоҷа Абдулқодир», «Амали тарона», «Савти Ушшоқ», «Амали бӯстон», «Амали гесӯ», «Амали гулистон», «Амали хористон» аз ҷумлаи асарҳои машҳури ин устоданд. Асарҳои назарии А. Г. («Мақосид-ул-алҳон», «Ҷомеъ-ул-алҳон», «Зубдат-ул-адвор», «Лаҳния», «Нағамот-ул-адвор» ва ғ.) аз таърихи пайдоиш, давраҳои тараққиёти санъати мусиқӣ, зарбу вазн, даврҳо, асбобҳои мусиқӣ ва пардаҳои онҳо, тарзи истифодаи зарбу вазнҳои мусиқии форс-тоҷик ва фарқи он аз мусиқии арабӣ, ҷамъу ҷинс (пентахорд, тетрахордҳо), бӯъду иқооти мусиқӣ, ва ғ. баҳс менамоянд. А. Г. ба асарҳои мусиқишиносони Юнони Қадим ва форс-тоҷик Арасту, Батлимус (Птолемей), Афлотун, Файсоғурис (Пифагор), Абӯнасри Фороби, Ибни Сино, Абдулмӯъмини Урмавӣ шарҳу иловаҳо навиштааст. Муаллифи зиёда аз 200 таронаву оҳанг.

Мусиқишиносону ҳофизони а. 15 Султон Муҳаммади Удии Самарқандӣ, Қутбуддини Ноӣ, Юсуфи Андиҷонӣ, Абдулмӯъмини Ҳофиз, Ҳофизи Убаҳӣ ва диг. шогирдони ӯ мебошанд.

Ад.: Семёнов А. А., Среднеазиатский трактат по музыке Дарвиш-Али (XVII в.), Ташкент. 1946.

АБДУЛҚОДИРИ МУҲАНДИСИ САМАРҚАНДӢ عبدالقادر مهندس سمرقندی (1868—1934, Самарқанд), меъмор ва кошикори тоҷик. А. М. С. то ғалабаи Рев. Октябрь асосан бо меъморӣ ва кошипазӣ машғул буд. Ӯ чун меъмор ва кошикор дар таъмири мадрасаи Улуғбек саҳми босазое гузоштааст. Кошикории ёдгориҳои меъмории Масҷиди Хизр, Мадрасаи нав, муаззинхонаи Қӯшҳавз ва ғ.-ро (Самарқанд) А. М. С. ба ҷо овард. Ӯ дар оғози с-хои 30-юм бо роҳбарии проф. В. Л. Вяткин харобаҳои кошикории мадрасаи Тиллокориро таъмир кард. А. М. С. манораи калони Бухороро низ таъмир намудааст. Ӯ дар таъмир ва ороиши бинои Дума (Ленинград), Мазори Шариф (Афғонистон) ва ёдгориҳои меъмории Осиёи Миёна саҳм гузоштааст. А. М. С. дар Регистон (Самарқанд) аз санг «Соати офтобӣ» сохтааст, ки аз истеъдоди ҳаматарафаи ин ҳунарманд гувоҳӣ медиҳад.

АБДУЛҚОДИРХОНИ ХАТТАК عبدالقادرخان خٹک (1651—1704), шоири паштузабони афғон. С. 1700 аз Ҳиндустон ба Кобул кӯчидааст. А. Х. ашъори ахлоқӣ, ишқии ирфонӣ ва асарҳои мансур дорад. «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомиро ба пашту тарҷума кардааст. Аз осори А. Х. «Девони ашъор» (3500 байт), «Ҳадиқаи Хаттак» ва «Насиҳатнома» маъруф аст. Дар ашъори лирикиаш ҷавонмардӣ, далерӣ ва шуҷоатро васф карда, ба муқобили зӯроварӣ ва зулм баромадааст. Қиссаи ишқии «Одамхон ва Дурхонӣ»-ро назм кардааст. «Девони ашъор»-и А. Х. ба табъ расидааст (Қандаҳор, 1938). *Ш. Орифов.*

АБДУЛҲАЙ عبدالحی (1360, Бағдод — 1420, Самарқанд), мусаввир ва хаттоти тоҷик. Рассоми дарбори Султон Увайси Ҷалоирӣ — Усто Шамсуддин ӯро ба тарбия гирифта, тамоми нозукиҳои ин ҳунарро ёд медиҳад. Дере нагузашта А. мусаввири баркамол мегардад ва шӯҳрати ӯ аз доираи Бағдод берун мебарояд. С. 1393 Амир Темур А.-ро аз Бағдод ба Самарқанд оварда, сардори устохонаи суратканиҳои худ таъин мекунад. А. дар тасвири манзараҳо, қиёфаи одамон ва ҳайвонот, додани обуранг ва таносуби унсурҳои тасвир моҳир будааст. Аз осори ӯ «Бат», «Манзараи ҷанг», тасвири ҷанд лаҳзаи «Гулистон» то замони мо омада расидаанд. Таъсири эҷодиёти А. дар таъриҳи минбаъдаи санъати рассомии Хуросон, Осиёи Миёна ва Озарбойҷон калон аст. Дар охири умр бо таъсири доираҳои иртиҷоӣ аз рассомӣ даст кашида, аксари осори худро оташ мезанад ва аз китобҳо пок мекунад.

АБДУЛҲАМИДИ МУҲМАНД عبدالحمید مهمند (1660—1732), мутахаллис ба Мушикоф. Шоири паштузабони афғон. Ашъораш аз ғазал, мухаммас, рубоӣ ва маснавӣ иборат аст. Китоби ашъори лирикию ахлоқӣ ва тасаввуфиаш, ки бо унвони «Дурру марҷон» боқист, дорои оҳангҳои яъсу навмедист. Азбаски дар шеър ба Бедил пайравӣ дошт, бо номи «Бедили афғон» низ шӯҳрат ёфтааст. Аз адабиёти форс-тоҷик асарҳои «Қиссаи шоҳу гадо» ва «Найрангии ишқ»-и шоири форсизабони Ҳинд—Ғаниматро ба пашту тарҷума кардааст. *Ш. Орифов.*

АБДУЛҲАҚИ БУХОРОӢ عبدالحق بخارائی ибни Сайфуддин (такр. 1551—1642), муаррих ва географ. Дар таъриҳ ва география таълифоти зиёде дорад. Дар «Таъриҳи Ҳаққӣ» ном асараш аз ҳаётӣ ҷамъиятӣ ва сиёсии Темуриёни Ҳинд маълумот додааст. Китоби ӯ «Ҷазб-ул-қулуб ила диёрил-маҳбуб» (1589—90 ё 1592—93) аз 17 боб иборат буда, тасвири географию топографӣ ва таъриҳи ш. Мадина аст.

АБДУЛҲАҚОВ Нусратулло (тав. 10. 1. 1930, деҳаи Сиёҳлояки С. қ. Дашти Гулҳои собиқ р-ни Балҷувони вил. Кӯлоб), ходими давлатӣ ва партиявӣ. Аъзои КПСС аз с. 1950. Аз оилаи деҳқон. Фаъолияти меҳнатии ӯ ҳамчун

муаллими синфҳои ибтидоӣ сар шуд (1944). С. 1946 омӯзишгоҳи педагогӣ ва с. 1948 фак-ти забон ва адабиёти Ин-ти муаллимтайёркунии ш. Кӯлоброхатм кард. Аз авг. 1948 то июли 1950 дар мактабҳои ҳафтсолаи р-ни Балҷувон кор кардааст. Июли 1950 — апр. 1952 котиби якуми Комитети комсомолии р-ни Балҷувон, апр. 1952 — сент. 1953 мудири шӯъбаи Комитети партиявии р-ни Балҷувон, сент. 1953 — авг. 1954 аввал котиби Комитети партиявии р-ни Данғара, сипас — котиби якуми Комитети партиявии р-ни Даштиҷум. С-ҳои 1956—60 таҳсил дар Мактаби олии партиявии Тошкент. Март — июли 1961 раиси Комиҷроияи р-ни Шаҳритуз, аз авг. ҳамон сол — котиби якуми Комитети партиявии ш. Кӯлоб. Июли 1965 котиби КМ ПК Тоҷ., ҷонишини раиси Совети Вазирон ва раиси Комитети назорати партиявию давлатӣ, аз дек. ҳамон сол раиси Комитети назорати халқии республика. Аз нояб. 1972 Вазири корҳои дохилии РСС Тоҷ. Аз с. 1965 то 1976 аъзои бюрои КМ ПК Тоҷ., депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 6—9). Бо 2 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АБДУЛҶАББОРИ МЕЪМОР عبدالجبار معمار (с. тав. ва ваф. номаълум), меъмор ва мусаввири а. 17. Аз осори меъмории А. М. то замони мо баъзе намунаҳо расидаанд. Тарҳи Мадрасаи шердори Регистони Самарқанд амали ӯ буда, с-ҳои 1619—36 бо иштироки бевоситаи меъмор буньёд ёфтааст. Дар кошиҳои сафеди равоқи даруни пештоқ номи «Усто Мулло Абдулҷаббори Меъмор» сабт гардидааст. Дар пештоқи бино сурати одаме, ки монанди офтоб нур мепошад ва манзараи ҳамлаи шер ба ғизол ва гурехтани он тасвир ёфтааст.

АБДУЛҶАББОРИ ХУҶАНДӢ عبدالجبار خجندی (с. тав. номаълум — ваф. 1219, Хуҷанд), шоир ва астрономи тоҷик. Доир ба астрономия асари манзум таълиф кардааст, ки «Алмадхал-ул-манзум фи аҳком-ин-нуҷум» («Мадхали манзум дар аҳкоми нуҷум») ном дорад. Ба ин асар, муначҷимони асрҳои минбаъд, аз ҷумла Ҳабибуллоҳ ибни Муҳаммади табиб (1520) шарҳ навиштаанд. Нусхаҳои ин китоб дар китобхонаҳои Донишгоҳи Теҳрон, Яздӣ, Музеи Британия маҳфуз аст. Асари номбурда ҳоло тадқиқ нашудааст. *С. Асадуллоев.*

АБДУЛҶАМИЛ عبدالجمیل (с. тав. номаълум — ваф. 1505, Ҳирот), хаттот. Дар Ҳирот ба дунёё омада, дар ҳамон ҷо ба камол расидааст. А. дар навиштани хати *настаълиқ* хеле мо-

ҳир буд. А. дар мадрасаи Султонияи Ҳирот аз сарфу наҳви арабӣ дарс меҳфтааст. Аз осори хаттотии ӯ «Ҳамса»-и Навоӣ боқӣ мондааст, ки с. 1484 китобат шуда, дар Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Ӯзб. маҳфуз мебошад.

АБДУМУРОДОВ Шамар (тав. 1928, деҳаи Оқмачити р-ни Ӯзун, вил. Сурхондарьёи РСС Ӯзб.), чӯпон, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1973). Аъзои КПСС аз с. 1963. С-ҳои 1945—54 чӯпон ва сарчӯпони заводи зотпарвории давлатии «Қабодиён»-и р-ни Шаҳритуз. А. усулҳои прогрессивии сернасл гардонидани мешҳоро истифода бурдааст. А. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 9). Бо 2 ордени Ленин, 2 медаль, 2 Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУМУҲИНОВ Тоҳтоболот (тав. 15. 8. 1922, р-ни Кеминскии РСС Қирг.), нависандаи советии қирғиз. Аъзои КПСС аз с. 1959. Аз оилаи хизматчӣ. Ин-ти тиббиро хатм кардааст. Аввалин асарҳои ӯ с. 1945 ба табъ расидаанд. Пьесаҳои А.—«Дараи танг» (1953—54), «Духтари Атобек» (1955) ва «Виҷдон намебахшад» (1966) дар ташаккули драматургияи қирғиз роли калон бозидаанд. Пьесаи «Муҳаббат ва умед» ба ҳаёт ва фаъолияти Тоҳтогул *Сотилганов* бахшида шудааст. Барои пьесаҳои «Виҷдон намебахшад», «Муҳаббат ва умед» (1967) сазовори Мукофоти давлатии РСС Қирг. ба номи Тоҳтогул Сотилганов гардидааст. Депутати Совети Олии СССР даъвати 6.

АБДУРАСУЛӢ, деҳа дар С. қ. Хоҷабойқули р-ни Орҷоникидзеободи РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Ленин. То маркази район 4 км, роҳ асфальт. Аҳол. 535 наф. (1976), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо. Мактаби миёна, магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо ба воситаи канал аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

АБДУРАҲИМОВА Қумрихон (тав. 1927, р-ни Чимкенти РСС Қаз.), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). А. солҳои 1943—54 колхозчӣ, сардори звенои к-зи «Ленинград»-и р-ни Ленин. Звенои А. с. 1947 ҳосили баланди пахта рӯёнд. А. бо 2 ордени Ленин, ордени «Нишони Фахрӣ», 3 медаль, 2 Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУРАҲМОНОВ Неъматҷон (тав. 1905, Конибодом), ходими партиявию советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957). Аъзои КПСС аз с. 1929. Фаъолияти меҳнатии худро аз батракӣ, коргарии з-ди консерви Конибодом ва кони нефти САНТО (1924—1931) оғоз кард. С. 1933 мактаби партиявии КМ ВКП (б)-ро хатм намуд. А. с-ҳои 1933—71 мудири шӯъбаи Комитети партиявии р-ни Кангурт, котиби якуми Комитети партиявии р-нҳои Шӯрообод, Ромит, Пахтаобод, Ҳисор, Регар ва мудири шӯъбаи маҳсулоттайёркунии ВХҚ-и РСС Тоҷ. буд. Аз с. 1964 нафақахӯри шахсӣ. А. дар съезди 6 ПК Тоҷ. номзад ба аъзогӣ, дар съездҳои 4, 7—14 аъзои КМ ПК Тоҷ. интихоб шуд. Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2—6). А. бо 2 ордени Ленин, 2 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ» ва ордени Ҷанги Бузурги Ватанӣ (дараҷаи дуюм), медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУРАҲМОНОВ Нозимҷон (тав. 1904, ш. Конибодом), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1959). Аъзои КПСС аз с. 1948. С. 1928 дар артели ҳунармандии «Большевик», баъд то с. 1931 дар комбинати консерви ш. Конибодом кор кардааст. С-ҳои 1932—68 сардори бригадаи пахтакории к-зи «Ленинград»-и р-ни Конибодом буд. Аз с. 1969 нафақахӯри шахсӣ. Бригадаи А. с-ҳои 1946—47 ҳосили фаровони пахтаи маҳиннаҳ рӯёнд. А. бо ордени Ленин, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АБДУРАҲМОНОВ Пӯлод (тав. 1927, қиш. Субулоқи С. қ. Мискинободи р-ни Файзобод), сабзавоткор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1971). Аъзои КПСС аз с. 1959. А. с-ҳои 1944—46 колхозчӣ ва аз с. 1947 сардори бригадаи сабзавоткории к-зи «20-солагии Октябрь» ва с-аи «Қалъаидашт-2»-и р-ни Файзобод мебошад. Бригадаи А. с-ҳои 1970—73 аз 48 га замин 210—400 ц-рӣ ҳосили картошка рӯёнд. А. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 8—9) мебошад. Бо ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.



АБДУРАҲМОНОВ Фозил Абдурахмонович (тав. 5. 12. 1930, Конибодом), морфолог, доктори илми тиб (1968), проф. (1969). Аз оилаи коргар. Аъзои КПСС аз с. 1957. Мудири кафедраи анатомияи нормалӣ (аз с. 1968) ва декани фак-ти педиатрияи Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1969—72). Фак-ти муолиҷавии ин-ти мазкурро хатм намудааст (1952). С-ҳои 1955—62 директори Омӯзишгоҳи тиббии № 1 Душанбе. С. 1968 дисс. докторӣ ҳимоя намуд. Оид ба проблемаи омӯзиши эксперименталии роҳҳои микроциркуляцияи сифоқ тадқиқот бурдааст. А. муаллифи зиёда аз 60 асари илмию таълимии методӣ, аз ҷумла монографияи «Рагҳои хунгузаари сифоқ» (1974) мебошад. Дар тарҷумаи китоби дарсии «Анатомияи одам»-и Н. В. Колесников (Сталинобод, 1961) ширкат дорад. Бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АБДУРАҲМОНОВ Фуод Ҳасан-Ӯғлӣ (28. 4. 1915, Нуха — 15. 6. 1971, Боку), ҳайкалтароши советии озар, Рассоми Халқии РСС Озарб. (1955), аъзо-корр. АР СССР (1949). Аъзои КПСС аз с. 1962. С-ҳои 1935—40 дар АР (Ленинград, муаллим М. Т. Манизер) таҳсил намуд. Бештар ҳамчун монументалист машҳур аст: ҳайкалҳои Низомӣ дар Кировобод (1946, Мукофоти давлатии СССР, 1947) ва Боку (1949), бюстҳои монументалии Чойбалсан ва Сухэ-Батор (мармар, 1954, оромгоҳ дар Улан-Батор), ҳайкали Самад Вурғун дар Боку (1961), ҳайкали Рӯдакӣ дар Душанбе (1964) ва г., муҷассамаҳои «Озодибахшон» (дар Боку, 1960), «Чӯпон» (гач. 1950, Мукофоти давлатии СССР, 1951; биринҷӣ, 1951, Нигористони Третьяков). А. бюстҳои портретии В. И. Ленин (мармар, 1955, Музеи таърихи Озарбойҷон, Боку), Садриддин Айнӣ (Вазорати маданияти СССР, 1964) ва як қатор портретҳои диг.-ро офаридааст. Бо 2 орден мукофотонида шудааст.

АБДУРРАЗЗОҚИ САМАРҚАНДӢ عبدالرزاق سمرقندی номи пурраш Камолуддин Абдурраззоқ ибни Исҳоқи Самарқандӣ (7. 11. 1413, Ҳирот — июль ё авг. 1482, ҳамон ҷо), шоир,

муаррих ва арбоби давлатӣ. Падараш аслан аз Самарқанд буда, дар Ҳирот дар ӯрдуи Шоҳрух имом ва қозӣ буд. Ҳаёти А. С. асосан дар Ҳирот гузаштааст. Дар ҷавонӣ илмҳои таърих, ҳадис, тафсир, забон, адабиёт ва санъати шеърро пурра омӯхт ва машҳур гашт. Дар 24-солагӣ ба хизмати дарбор даъват шуд. То 50-солагӣ дар аҳди Шоҳрух, Бобур, Абӯсаид вазифаҳои мулозимӣ ва сафириро адо кард. Аввалин асари А. С. шарҳи «Рисолаи Азудия» (оид ба грамматикаи забони арабӣ) буд, ки то замони мо нарасидааст. Аз мероси адабии А. С. «Достони сафари Ҳиндустон», «Шарҳи ғароиб ва баёни аҷоиби он», рисолаи дуҷилдаи «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн», инчунин ғазалҳои ӯ машҳуранд. «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» воқеаҳои таърихи Темуриён (1304—1470)-ро дарбар мегирад. Асарҳои ӯ оид ба таърихи мамлакатҳои Осиёи Миёна ва Шарқи Миёна маълумоти пурқимат медиҳанд. *Ш. Нуриддинов.*

АБДУРРАШИДИ ТАТТАВӢ عبدالرشید تتوی ибни Сайид Абулғафур (с. тав. ва ваф. номаълум), луғатнависи а. 17 форс-тоҷик, дар ш. Таттаи музофоти Синди Покистони ҳозира ба дунёё омадааст. А. шоир ҳам будааст. А. с. 1635 ба номи «Мунтаҳаб-ул-луғот» ва «Рисолаи муарработ» ду фарҳанги тафсирӣ тартиб додааст. Асари диг. А. «Фарҳанги Рашидӣ» (1653—54) мебошад. Муаллиф дар ин асарҳо аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу, «Маҳмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ танқидан истифода бурда, бо ҳамин дар таърихи лексикографияи форс-тоҷик ба равияҷ танқидӣ роҳ кушодааст. Баъдтар ба ин услуб Алихони Орзу дар «Сироҷ-ул-луғот» (а-ҳои 17—18), Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» ва диг. луғатнависон пайравӣ намудаанд. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Анҷуманороии Носирӣ» ва Муҳаммад Муин дар нашри танқидии «Бурҳони қотеъ» аз «Фарҳанги Рашидӣ» васеъ истифода кардаанд. *Ҳ. Аҳадов.*

АБДУРРАҲИМИ БИҲОРӢ عبدالرحیم بهاری ибни Аҳмади Сур (с. тав. ва ваф. номаълум), луғатнависи форсизабони Ҳиндустон. Дар а. 16 дар вил. Биҳори Ҳиндустон умр ба сар бурдааст. Бештар ба туфайли фарҳанги «Кашф-ул-луғот ва-л-мусталеҳот» шӯҳрат дорад. Ин китоб бо унвони «Фарҳанги шайх Абдурраҳими Биҳорӣ» низ маъруф буда, бештар шарҳи истилоҳоти сӯфияро дар бар гирифтааст. *Х. Рауфов, Ш. Кабиров.*

АБДУРРАҲМОНБЕГӢ عبدالرحمن بیگی номи оҳанг, таронае, ки ҳофиз, бастакор ва машшоқи номии а. 19 Абдурраҳмонбег эҷод кардааст. Яке аз асарҳои ӯ, ки аз қисматҳои таронавии мақоми «Наво»-ст, бо унвони А. машҳур гаштааст. Чунин А.-ҳо маъруфанд: а) А. 1—2. Ин ду асар дар асоси зарбу навои оҳанги «Савти сарвиноз» тасниф шуда ва уфари А. 2 ба зарбу усули «Соқиномаи савти сарвиноз» хеле наздик аст; б) А. яке аз усулҳои таронавии мақомҳо дар қисмати «Муғулча»-ҳо. А. чанд варианти дигар ҳам дорад. Яке аз вариантҳои хуби онро *Ҳоҷӣ Абдулазиз* месуруд.

АБДУРРАҲМОНИ ЗАБЕҲӢ عبدالرحمن ذبیحی (тав. 1911, ш. Меҳобод, Курдистони Эрон), нависандаи курд. Забонҳои форсӣ, туркӣ, арабӣ, англисӣ ва русиро азбар кардааст. Муҳаррири газетаи «Ҳабат» («Муборизо»). Барои иштирок дар ҳаракатҳои революционӣ ба ҳабс маҳкум шуда буд. Муаллифи шеърҳои зиддиимпериалистӣ. Дар романи «Ёддошти дузд» (1958) А. З. идеологияи иртиҷоии буржуазиро танқид мекунад. Достони «Тарафдорони сулҳ дар деҳот» (1959) ба муборизони роҳи сулҳ бахшида шудааст.

АБДУРРАҲМОНИ МӮҲМАНД عبدالرحمن مهمند (номи дигараш Раҳмон Бобо, 1632, деҳаи Баҳодури назди ш. Пешовар — 1706, ҳамон ҷо), шоири афғон. Ба забони пашту менавишт. Дар ашъори А. М. тавсифи ишқ, ақидаҳои динию ахлоқӣ, ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва вахдату озодии қабилаҳои мухталифи афғон ҷои асосиро ишғол мекунанд. Баъзе аз ашъораш оҳангҳои навмедона ва шикояти замонро дарбар гирифтаанд. А. М. риёю разолати сӯфиёнро ба зери танқид мегирад. Ашъораш фасеҳу содда аст. Девонаш 2 бор (Лоҳур, 1876; Кобул, 1949) ба табъ расидааст. Дар Афғонистон ба номи А. М. мукофоти «Раҳмон Бобо» таъсис шудааст. *Ш. Орифов.*

АБДУРРАҲМОНИ ОФТОБАЧӢ عبدالرحمن آفتابه چی (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз роҳбарони шӯриши с-ҳои 1873—76 бар зидди хони Қӯқанд. Ашрофзода *Худоёрхон* ӯро ба вазифаи офтобачии дарбор таъин карда буд. А. О. аз Худоёрхон, ки падарашро қатл карда буд, қасди интиқом гирифтан дошт. Апр. 1873 дар Ҷанубу Шарқии хонӣ шӯриш сар зад, ки Муллоисҳоқ (маъруф ба Пӯлодхон) сардори он буд. Май 1873 Худоёрхон бо мақсади пахш кардани шӯриш бо сардории А. О. қӯшун равон кард. А. О. ба тарафи шӯришчиён гузашт. Бо маслиҳати ӯ 40 вакили шӯришчиён назди хон рафта сабукӣ пурсиданд. Хон онҳоро ба қатл расонд. А. О. ба тахти Қӯқанд бародари хон, ҳокими Маргелон Муродбекро шинонданӣ шуд, вале ба мақсад нарасид. Баъди ин феодалҳо ва ашрофони аз Худоёрхон норозиро дар атрофаш ҷамъ карда, июли 1875 ба шӯришчиён ҳамроҳ ва яке аз сардорони онҳо шуд. Худоёрхон шикаст хӯрда, ба Тошкент гурехт. Шӯришчиён бо маслиҳати А. О. писари калонии Худоёрхон, ҳокими Андиҷон Насруддинбекро хон эълон карданд. Халқ муборизаи худро ба мукобили зулми мутлақият ва Насруддинбек қувват дод, вале янв.-февр. 1876 дучори маглубият гардид. А. О., ки табаан мутлақияти Россия шуда буд, зери ҳимояи маъмурияти подшоҳӣ паноҳ ёфт ва бо нафақа таъмин гардид.

Ад.: История СССР, ч. 2, М., 1964; История Узбекской ССР, ч. 2, Ташкент. 1968. *Н. Косимов.*

АБДУРРАҲМОНИ САМАРҚАНДӢ عبدالرحمن سمرقندی (с. тав. ва ваф. номаълум), сайёҳи а. 19 тоҷик, ҳамкори олимони рус дар омӯхтани этнографияи аҳолӣ ва географияи Осиёи Миёна. Зода ва сокини Самарқанд. Мутарҷими шарқшиноси рус *А. Л. Кун* дар экспедицияи машҳури кӯли Искандар (1870) дар болооби д. Зарафшон ва ноҳияи Панҷакент то Палдорак, водиҳои д-ҳои Ягноб ва Искандар. Хотироташро бо номи «Рӯзномаи сафари кӯли Искандар» (аз 25 апр. то 27 июни 1870) навишт. Дастнависи он бо муқаддима ва эзоҳоти А. Л. Кун дар китобхонаи шӯъбаи дар Ленинград будаи Ин-ти шарқшиносии АФ СССР маҳфуз аст. «Рӯзнома» доир ба вазъияти иктисодии ноҳияҳо аз Панҷакент то кӯли Искандар, фаъолияти хоҷагидории аҳолии маҳаллӣ, ёдгориҳои таърихию маданиии Фалғари Боло, забони ягнобӣ ва г. маълумот медиҳад. А. С. ба Бухоро, Шаҳрисабз, Хева низ сафар карда, хотироташро навиштааст. Дар сафарномаи туркистониаш (1873) дар бораи кӯчидани баъзе қабилаҳо ва ба Хоразм омадани туркманҳо маълумоти пурқимат додааст. Ӯ с. 1872 намоишгоҳи политехникии ш. Москваро тамошо карда, таассуроти худро бо номи «Рӯзномаи виставкаи Маскоб» сабт кардааст. Асарҳояш аҳамияти таърихию илмӣ доранд.

Ад.: Хромов А. Л., О дневнике Искандаркульской экспедиции (1870), «Изв. АН Таджикской ССР», ООН, Д., 1972, № 2. *Ю. С. Мальцев.*

АБДУРРАҲМОНИ СӮФӢ عبدالرحمن صوفی ибни Умар (903—986), астроном ва географи форс-тоҷик. Дар Рай ва Исфаҳон умр ба сар бурдааст. А. С. таҳқиқкунандаи равияи математикӣ дар астрономия ва географияи асрҳои миёна мебошад. Асари маъруфи ӯ «Сувар-ул-кавокиб» («Тасвири ситораҳо», 965) ба шарҳи бурҷҳои дувоздаҳгона, тавсиф ва вазъи онҳо дар гунбази фалак бахшида шудааст. Аз феҳристи бурҷҳое, ки дар «Сувар-ул-кавокиб» оварда шудааст, олимони даврҳои минбаъда (мас., Беруниӣ дар «Осор-ул-боқия») истифода бурдаанд. А. С. дар дарбори амир Азудуддавла (949—983) кураи арзи (глобуси) нукрагин сохт, ки дертар он дар китобхонаи қасри Фотимиёни Қоҳира гузошта

шуд. Тадқиқоти А. С. ба эҷодиёти мактаби астрономию географии Беруни, Закариёи Қазвинӣ, Насируддини Тӯсӣ ва ғ. таъсири бузург расондааст.

Ас.: «Сувар-ул-кавокиб» (ба забони арабӣ бо тарҷумаи франсавӣ, С.-Петербург, 1874) дар китобхонаи Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон маҳфуз аст. Тарҷумаи «Сувар ул-кавокиб» бо қалами Насируддини Тӯсӣ, бо тасҳеҳи Муизиддини Мадҳавӣ, Теҳрон, 1973.

Ад.: Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 4, М.-Л., 1957; Мамедбейли Г. Д., Основатель Марагинской обсерватории Насэриддин Туси, Баку, 1961.

Ю. С. Мальцев.

АБДУРРАҲМОНИ ТАНБӮРИИ САМАРҚАНДӢ عبدالرحمن تنبوری سمرقندی (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз навозандагони машҳури а. 19. Дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар сарчашмаҳо маълумот ниҳоят кам аст. Тамоми нозукиҳои фасли мусиқии *«Шашмақом»*, аз он ҷумла, *«Мушкилот»* ва қисмати насри (вокалӣ)-и мақомҳоро хуб медонистааст. А. Т. С. аз мақоми *«Бузург»* — «Таснифи Бузург», «Тарҷеъи Бузург», «Гардуни Бузург», «Мухаммаси Насруллоҳӣ», «Саҳили ислимӣ», «Саҳили сӯлтонӣ»; аз мақоми *«Рост»* — «Таснифи Рост», «Гардуни Рост», «Мухаммаси Рост», «Мухаммаси Ушшоқ», «Мухаммаси панҷгоҳ»; аз мақоми *«Наво»* — «Таснифи Наво», «Тарҷеъи Наво», «Гардуни Наво», «Нағмаи ораз», «Мухаммаси Наво», «Саҳили Наво»; аз мақоми «Дугоҳ» — «Таснифи Дугоҳ», «Тарҷеъи Дугоҳ», «Гардуни Дугоҳ», «Пешрав», «Самои Дугоҳ», «Мухаммаси Дугоҳ», мақомҳои «Сегоҳ», «Ироқ» ва бисьёр оҳангҳои халқиро бо маҳорати тамом менавохтааст.

АБДУРРАҲМОНИ ҲОҶАР عبدالرحمن حاجر (тахал. номи аслиаш Абдуррахмон Шарафқандӣ; тав. 9. 6. 1920, деҳаи Шарафқанди назди ш. Меҳобод), шоири курд. Барои фаъолияти сиёсӣ бадарга ва ҳабс шудааст. Муаллифи маҷмӯаҳои «Алақоқ» (1945), «Қиссаи каллаи гӯсфандон» (1957), «Кам-кам аз ҳар чиз» (1959). Шеърҳои «Савганд» (1959) ва «Китф ба китф» (1959)-и ӯ ба забони русӣ тарҷума шудаанд. А. Ҳ. дар асарҳои худ мардумро ба муборизаи дар роҳи сулҳ, истиқлолияти халқи курд ва дӯстии халқҳои арабу курд даъват менамояд.

АБДУРРАҲМОНХӮН عبدالرحمن خان (1844—1. 10. 1901), амири Афғонистон (1880—1901), наберааи амир *Дӯстмуҳаммадхон*. С-ҳои 60-ум ҳокими Тошқӯрғон. Барои тоҷу тахти Кобул бо амакзодаи худ Шералихон муборизаи бурд. С. 1869 шикаст хӯрда, ба Самарқанд омад ва ёздаҳ сол истиқомат намуд. Баъди ҷанги дуюми байни Англия ва Афғонистон ба ватанаш баргашт, бо ёрии сардорон ва пешвоёни лашкари халқӣ с. 1880 соҳиби салтанати Кобул гардид. Дар аҳди А. дар Кобул зарробхона, матбаа ва корхонаи калони саноатии «мошинахона» сохта шуд, ки аз тиру тӯпу аслиҳа то либосу афзори қувваҳои низомиро истеҳсол менамуд. Тамоми мансабҳои ҳарбӣ ва раиятӣ ба ӯҳдаи сардорон ва маликҳои қабилаҳои афғон вогузор шуда, халқҳои ғайриафғон—тоҷикҳо, ҳазораҳо, ӯзбекҳо ва ғ. ҷабру ситами беандоза мекашиданд ва бори вазнини сарфу харҷҳои бепоёни феодалӣ ба зиммаи онҳо буд. Даромади хазинаи амир аз ҳисоби маҳсули дастранҷи заҳматкашон аз 1,5 курур (1 курур = 10 млн) ба 7 курур рупия расид. Ба муқобили зулму бедодгариҳои феодалӣ дар байни ғилзоиҳо, вардакҳо, ҳазораҳо, бадахшониҳо, фирӯзкӯҳиҳо, балуҷҳо ва ғ. борҳо шӯру ошӯбҳои халқӣ ба амал омад. Ӯ унвони фахрии «Зиёи миллату дин»-ро гирифт, лекин халқ ӯро «амири сиёҳ» меномид. Сиёсати хориҷии А. таҳти назорати ҳукумати Англия қарор гирифт. А. шартномаи нангини Гандамак ва «Хатти Дюранг»-ро тасдиқ намуд, сарнавишти миллионҳо паштунҳои сарҳадоти шим. ғарбии Ҳиндустонро ба дасти англисҳо супурд ва гунаҳкори ба вуҷуд омадани масъалаи Паштунистон гардид. А. дар натиҷаи сӯиқасди дарбориён ҳалок гардид.

Ҳ. Назаров.

АБДУСАЛОМОВ Ислом Абдурахмонович (тав. 13. 2. 1929, Самарқанд), паррандашинос, доктори илми биология (1972), аъзокорр. АФ РСС Тоҷ. (аз с. 1976). Аъзои КПСС аз с. 1952. С. 1950 фак-ти биологияю хокшиносии Ун-ти давлатии РСС Ӯзб.-ро (ш. Самарқанд) хатм кард. С. 1958 дисс. номзадӣ ҳимоя намуда, аз ҳамон сол инҷониб вазифаи мудири шӯъбаи ҳайвонҳои мӯҳрадори хушкигарди Ин-ти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловскийи АФ РСС Тоҷ.-ро адо мекунад. С-ҳои 1967—72 директори ин-ти номбурда буд. С. 1972 дар мавзӯи «Биология ва хусусиятҳои ба тарзи амудӣ ҷойгиршавии паррандагони Тоҷикистон» дисс. докторӣ ҳимоя намуд. Оид ба омӯзиши биологияи паррандагони республикаи Тоҷикистон зиёда аз 60 асари илмӣ, аз ҷумла 3 монография дорад.

Ас.: Фауна Таджикской ССР. Птицы, т. 19, ч. 1—2, Д., 1971—73.

АБДУСАМАД, деҳа, маркази С. Қ. Чимқӯрғон ва к-зи «Ленинград»-и р-ни Панҷакенти вил. Ленинобод. То маркази район 16 км, роҳ асфальт. Аҳол. 518 наф. (1976), асосан ӯзбекҳо. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз чашмасор обьёрӣ мешаванд.

АБДУССАМАДБЕКИ ҲОФИЗ عبدالصمد بیك حافظ (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳофиз, бастакор ва машшоқи а-ҳои 19—20 тоҷик. А. Ҳ. санъати мусиқиро дар зодгоҳаш Бухоро аз ҳунармандони халқии давраашҚорӣ Каромати Дилкаш, Усто Тӯла, Усто Эргаш ва диг. омӯхтааст. А. Ҳ. дар сурудани таронаҳои халқию классикии тоҷик маҳорат дошта, қисматҳои мушкилтарини «Шашмақом»-ро иҷро мекардааст. Дар иҷрои таронаҳои «Мугулчаи Дугоҳ», «Дугоҳ», «Баёти I», «Савти Сарвиноз», «Уфари ороми ҷон», «Ироқи Бухоро», «Бебокча», «Талқинчаи мустазоди Наво», «Саҳили сӯлтон», «Бузург» ва ғ. услуби хос дошт. Ҳофизони тоҷик Домулло Ҳалим, Усто Шодӣ, Бобокул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва диг. дар иҷрои авҷи мақомҳо аз усули сароядагии А. Ҳ. истифода бурдаанд.

АБДУҚАҲҲОР, дарьёчаи кӯҳӣ, шохоби чапи д. *Ванҷ* дар Помири Ғарбӣ. Аз пирьяхи Абдуқаҳҳор сар шуда, аз Хирсдара ҷорӣ мешавад. Тӯлаш 13 км. Давраи серобиаш июль-авг., камобиаш — окт.-март. Манбааш — пирьях ва барф. Ҳар сари чанд вақт (1937, 1951, 1963, 1973) дар натиҷаи аз ҳаракати пирьяхи Хирсон банд шудани маҷрои А. кӯли муваққатӣ ба вуҷуд меояд. Баъди пур шудани кӯл об рахна зада, сарфи об то ба 2000 м³/сон. мерасад. Оби кӯл ҷорӣ шуда, дарьё тадриҷан ба ҳолати аввалааш бармегардад. Ҳаҷгоми ҳаракати пирьях с-ҳои 1963, 1973 андозаи кӯл мувофиқан чунин буд: ҳаҷм — 9,7 ва 17,4 млн м³, тӯлаш — 1250 ва 1500 м, ҷои чуқуртарин — 82—105 м.

Ю. С. Усков, Н. Худоиев.

АБДУҚАҲҲОР, пирьях дар Помири Ғарбӣ, дар пайвандгоҳи қ-кӯҳҳои Ванҷ ва Академияи Фанҳо (бал. 3317 м). Аз васл шудани ду пирьях ба вуҷуд омадааст. Тӯлаш 12 км, масоҳ. 28,7 км². А.—сарчашмаи д. Абдуқаҳҳор (шохоби чапи Ванҷ). Пирьяхи А.-ро нахустин бор экспедицияи Советӣ-Германӣ омӯхтааст (1928).

Н. Худоиев.

АБЕЛЬ (Abel) Нильс Хенрик (5. 8. 1802, наздики Ставангера — 6. 4. 1829, наздики Арендаль), математики норвег. Тадқиқоти А. ба инкишофи тамоми соҳаҳои математика мусоидат кард. Бо таъсири корҳои А. соҳаҳои нави математика: назарияи Галуа, назарияи функцияҳои алгебрӣ ва ғ. ба вуҷуд омаданд. А. исбот кард, ки муодилаҳои алгебрии дараҷааш аз 4 боло дар ҳолати умумӣ дар радикалҳо ҳал надоранд. Инчунин, намудҳои хусусии муодилаҳоеро, ки дар радикалҳо ҳал доранд, нишон дод. Ӯ интегралҳои функцияҳои алгебриро омӯхт, ки дар таҳлили математикӣ бо номи интегралҳои Абель маълуманд. А. яке аз асосгузорони назарияи функцияҳои эллипсӣ мебошад. Аз аввалинҳо шуда доир ба муоди-

лаҳои интегралӣ рисола навиштааст. Оид ба назарияи интерполирониии функцияҳо, назарияи муодилаҳои функционалӣ, назарияи ададҳо ва назарияи гурӯҳҳо осори гаронбаҳо боқӣ гузошт.

АБЕЛЯ́Р (Abélard, Abailard) Пьер (1079, Палле — 1142, Сен-Марсель), файласуф, илоҳиётшинос, шоири франсавӣ. А. дар бораи табиати лафзҳои куллӣ (универсалияҳо), таълимотеро инкишоф дод, ки он сонитар *концептуализм* ном гирифт. Мафҳумҳои куллӣ пеш ва пас аз чизҳо не, балки дар худи чизҳо вуҷуд доранд. Онҳо маҳсули ақли инсонӣ буда, хосиятҳои муҳими чизҳоро ифода мекунанд. Дар этика А. диққатро аз кирдор ба ният нигаронида, амри виҷдонро меъёри ахлоқ медонист. Диалектикаи «схоластикии» А., ки аз муайян кардани далелҳои ба ҳам зид иборат буд, ӯро яке аз барҷастатарин намояндагони методи схоластикӣ (ниг. *Схоластика*) гардонд. Майли рационалистии илоҳиётии А. («мефаҳмам, то ки бовар кунам») боиси эътирози намояндагони мутаассиби дин гардид. Асарҳои асосии А.: «Таърихи мусибатҳои ман» (1132—36) (ба забони русӣ, с. 1959), «Ҳа ва не», «Худро бишинос».

АБЕРРА́ЦИЯ (лот. aberratio — инҳироф, каҷравӣ), 1) дар оптика таҳрифи тасвир дар асбобҳои оптикӣ; дар он зоҳир мегардад, ки тасвири оптикии объект ба аслаш саҳеҳ мувофиқат намекунад ё рангин менамояд. 2) Дар астрономия тағьири самти шуоъ ҷирми мунир дар натиҷаи интиҳо доштани суръати рӯшной ва ҳаракати мушоҳид нисбат ба ҷирм. Ин боиси лағзиши вазъияти зоҳириии ҷирм мегардад. 3) Дар морфология ва физиология ҳар гуна инҳироф (берун аз қонда дигаргуншавӣ)-и сохт ва функция. 4) Дар систематикаи баъзе гурӯҳҳои ҳайвонот инҳирофи тасодуфии ҷузъӣ дар ранг, нақш ва сохти ҷилд. 5) Дар генетика тағьири тӯлонии структураи хромосома.

АБЗА́Ц (нем. Absatz — сарсатр, айнан: фосила), 1) ҷои холӣ дар аввали сатри матни чопӣ ва дастнавис. 2) Як ё чанд фикри (ҷумла)-и ба ҳам алоқаманд, ки маъной томи ба як мавзӯъ хосро дарбар мегирад.

АБИВА́РД ابیورد шаҳри қадима дар Хуросон. Дар ибтидои асрҳои миёна пайдо шуд. А.-ро Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ дар а. 10 ба шоҳи Хоразм Абӯабдуллоҳ инъом кард ва то а. 11 дар тасарруфи Хоразмшоҳиён буд. С. 1221 А.-ро мӯғулҳо забт карданд. Дар а. 15 ба империяи Темур, аз с. 1593 ба давлати Шайбониён дохил шуд. Аз с. 1600 тобеи Эрон. А. пас аз муайян шудани сарҳадди Россияю Эрон (1881) ба уезди Таҷани вил. Закаспияи Россия дохил шуд.

Дар а-ҳои миёна А. хеле тараққӣ кард, вале минбаъд рӯ ба таназзул ниҳода, охири а. 19 хароб гашт. Ҳоло дар ҷои А. деҳаи Пештоқ ва начандон дур аз он деҳаи А. вуҷуд дорад. *Ӯ. Пӯлодов.*

АБИОГЕНЕ́З (аз *а*..., юн. bios — ҳаёт ва genesis — пайдоиш), назарияи пайдоиши мавҷудоти зинда аз моддаи ноорганикӣ. То миёнаи а. 19 гумон доштанд, ки ҳамаи мавҷудоти зинда худ аз худ аз моддаи ноорганикӣ тавлид мешавад, мас., гӯё муш ва калламуш аз ахлоту партовҳо, курбоққа аз лойқаю обсабзи ҷул, кирм аз гӯшти пӯсида. Сонитар ба чунин тасаввурот олимон Ф. Реди, Л. Спалланцани, Л. Пастер, Д. Тиндаль ва диг. зарба заданд. С. 1871 Р. Вирхов дар назарияи ҳуҷайра қайд кард, ки «Ҳуҷайраҳои зинда аз ҳуҷайраҳои зиндаи пешина пайдо мешаванд». Ҳоло дар Замини мо пайдоиши ҳаёт аз моддаи ноорганикӣ мушоҳида нашавад ҳам, аз эҳтимол дур нест, ки миллиардҳо сол пеш аз ин пайдо шуда бошад. Маъмултарин назарияи А.-ро олими советӣ А. И. *Опарин* пешниҳод кардааст. Ниг. низ *Ҳаёт*.

АБИССА́ЛЬ (юн. abyssos — бетаг), зонаи абиссалӣ, чуқуриҳои зиёда аз 2 км-и баҳр. Чуқуриҳои аз 6 км зиёди уқёнусро зонаи ультраабиссалӣ меноманд. Оби чунин ҷойҳо шӯр, камҳаракат ва ҳарораташ паст (қариб 0° С), нури офтоб намерасад. Ин гуна шароит ва фишори хеле баланди А. (то 1000 атм) олами органикии махсус ба вуҷуд овардааст. Набототи зонаи А. аз баъзе намудҳои бактерия ва обсабзҳои саппрофит иборат буда, ҳайвоноташ нобино ё чашмони калон дорад. Дар зонаи А. асосан лойқаҳои органогенӣ ҷамъ мешаванд.

АБИТУРИЕ́НТ (лот. abituriens — омодаи рафтан), дар бисьёр мамлакатҳо — хатмкунандаи мактаби миёна. Дар СССР аз охири с-ҳои 50 А. маъной нав гирифт — шахсе, ки азм дорад ба мактаби олӣ дохил шавад.

АБЛЯ́ЦИЯ (лот. ablatio — ҷудо шудан), дар гляциология, аз обшавӣ, бухоршавӣ ва шикастану рехтани механикӣ хурд шудани массаи пирьях ё қабати барф. А. асосан ба шароити иқлим вобаста буда, дар се намуд зоҳир мешавад: зерипирьяхӣ, дохилӣ ва сатҳӣ.

АБОВЯ́Н Хачатур (1805 деҳ. Канакори назди Ереван — 1848), нависанда, маорифпарвари демократ, асосгузори адабиёти забони адабии нави арман, педагог ва этнограф. С. 1836 баъди хатми Ун-ти Дерпт (ҳоло Тарту) ба ватан баргашта, муаллимӣ кардааст. А. ба муқобили догматизм ва шаклпарастӣ дар таълим мубориза мебурд. Эҷодиёти А. жанрҳои гуногуни адабӣ: роман, ҳикоя, очерк, пьеса, таълифоти илмии бадеӣ, ашъори лирикӣ, масал ва г.-ро дарбар мегирад. Нахустин асарҳои бачагонаи арманӣ низ ба қалами ӯ мансуб аст. Асарҳои А. оммафаҳм ва равон таълиф ёфта, ба муқобили идеологияи феодалию динӣ равона шудаанд. Дар «Ҷароҳатҳои Арманистон»

(1841) ном асари маъруфаш муборизаи озодихоҳонаи халқи арманро дар давраи ҷанги Россияю Эрон (1826—28) тасвир кардааст. А. муаллифи асарҳои илмии бадеии «Кашфи Америка», «Китоби ҳикояҳо», маҷмӯаи масалҳои «Машғулият дар фароғат», силсилаи «Баётҳо» ва китобҳои дарсӣ буда, инчунин осори Гомер, И. Гёте, Ф. Шиллер, Н. М. Карамзин, И. А. Крылов ва диг.-ро, ба арманӣ тарҷума кардааст.

АБОЛИЦИО́НИЗМ (лот. abolitio — бекоркунӣ, барҳамдиҳӣ). 1) Кӯшиши умум дар роҳи бекор кардани ягон қонун. 2) Ҳаракати аз ғуломӣ озод намудани зангиҳо дар ШМА (а-ҳои 18—19). А. зиёён, буржуазияи майда, фермерҳо ва коргаронро муттаҳид карда, дар рафти *Ҷанги граждании дар* ШМА (1861—65) барои барҳам додани ғуломӣ роли калон бозид. 3) Мубориза барои дар мустамликаҳо барҳам додани ғуломӣ, ки а-ҳои 18—19 дар Англия, Франция ва диг. мамлакатҳои Европа авҷ гирифт.

АБОНЕМЕ́НТ (франс. abonnement), ҳуқуқи истифода ба муддати муайян (аз китобхона, ҷой дар театр, майдони яхмолакбозӣ, ҳавзи оббозӣ, телефон ва г.), инчунин ҳуҷҷате, ки ин ҳуқуқро медиҳад.

АБО́РТ (лот. abortus — бачапартой), пеш аз мӯҳлат дар давоми 28 ҳафта қатъ гардидани ҳамл, яъне афтодани бачае, ки қобилияти ҳаёт надорад. А. сунъӣ ва ғайрисунъӣ (худ аз худ) мешавад. Ниг. низ *Исқот*.

АБР, ғуҷ шудани хурдтарин қатраҳои об, заррачаҳои ях ё омехтаи онҳо дар атмосфера. А. омили муҳимми обу ҳавост, ки режими *боришоти* атмосферро муайян мекунад ва ба мизони ҳарорати атмосфера таъсир мерасонад. А. ба ҳисоби миёна қариб нимӣ ғунбази осмонро мепӯшад ва то 10^9 т об дорад. Буғи об асосан дар қисми поёни атмосфера — *тропосфера* воқеъ мегардад. Бинобар ин, бештарини абрҳо дар баландиҳои гуногуни он пайдо мешаванд. Ҳар гоҳ ки ҳавои нам сард шуда, ба ҳарорати буғи сер, яъне то нуқтаи ҳосил гардидани шабнам расад, А. пайдо мешавад. Хунукшавии ҳаво ба туфайли васеъшавии адиабатӣ ҳангоми ҳаракати амудии он ба амал меояд, ки ин натиҷаи конвекцияи термикӣ ва динамикист. Ҳангоми ба серӣ расидани буғи об дар натиҷаи

конденсация дар сатҳи заррачаҳои хурди гигроскопӣ: чанг, ғубор, маҳсули дуд ва ғ., ки ядрои конденсацияанд, қатраҳои нав пайдо мешаванд. Сараввал қатрачаҳои А. аз ҳисоби конденсацияи буғи об меафзояд; минбаъд қатраҳо ба якдигар бархӯрда якҷоя мешаванд, яъне коагуляцияи элементҳои А. ба амал меояд. Ба туфайли коагуляция қатрачаҳои абр то ба андозаи қатраҳои борон мерасанд ва дар шароити муайян аз А. ба шакли боришот меафтанд. Дар ҳудуди ҳароратҳои манфӣ А. аз қатрачаҳои об, заррачаҳои ях ё омехтаи онҳо таркиб ёфта метавонад.

А.-ҳо аз рӯи намуди зоҳирӣ ва баландии асосӣ ҳуд аз якдигар фарқ мекунанд. Дарачаи бо А. пӯшида шудани гунбази осмон бо мафҳуми абрнокӣ ифода меёбад. Абрнокиро аз рӯи шкалаи даҳбалла ва шакли онро аз рӯи таснифоти байналхалқӣ муайян мекунанд. Балли осмони беабр ба нуль ва осмони пурра абрпӯш ба 10 баробар аст. Баландии абрҳоро визуалӣ (бо дид) ё бо ёрии кура—зондҳо муайян кардан мумкин аст. Шаклҳои асосии А.: А.-ҳои табақаи боло (баландии асосашон зиёда аз 6 км), ки аз абрҳои паршакл, паршакли серқабат, паршакли тӯда; А.-ҳои табақаи мобайн (баландии асосашон 2—6 км), ки аз абрҳои серқабати баланд, тӯдаабри баланд; А.-ҳои табақаи поён (баландии асосашон камтар аз 2 км), ки аз абрҳои серқабат, серқабати тӯда, серқабати боронӣ иборатанд. Намуди абрҳое низ мавҷуданд, ки амудвор ташаккул ва инкишоф меёбанд. Асосии онҳо дар баландии 1—1,5 км воқеъ гардида, баландии қуллаашон то 10 км ва зиёдтар мерасад. Тӯдаабр ва тӯдаабри боронӣ аз ҳамин қабиланд. Асосии тӯдаабрҳо нисбатан ҳамвор ва қуллаҳояшон гунбазшакл мешавад ва ҳаҷмаш вусъат ёфта, ба тӯдаабри боронӣ (абрҳои раъдубарқӣ, тундарӣ) табдил меёбанд.

Ба ҷараёни абрҳосилшавӣ хусусиятҳои географӣ таъсир мерасонанд. Дар Тоҷикистон мавҷудияти кӯҳҳо, гуногунии рельеф ва иқлим сабаби пайдоиши абрҳои маҳаллӣ мегардад. Дар районҳои кӯҳӣ, асосан дар болои кӯҳҳо тӯдаабрҳо инкишоф меёбанд, зеро дар нишебаҳои офтобрӯя ҳаво гарм шуда, боло меравад ва боиси пайдоиши абрҳо мегардад. А.-ҳое, ки дар болои қ.-кӯҳҳо пайдо мешаванд ва сокин меистанд, «абрбайрақ» ном гирифтаанд. Дар водиҳои баландкӯҳ баъзан шакли ачиби А. — «тумани кӯҳӣ»-ро мушоҳида кардан мумкин. Дар Помир аз сабаби кам будани намии ҳаво тӯдаабрҳо дар баландиҳои 6—6,5 км пайдо мешаванд. Дар водиҳои Тоҷикистон рӯзҳои абрнок кам (соле 30—40 рӯз) ва бо зиёд шудани баландии маҳал афзуда, дар ағбаю пирьяҳҳо рӯзҳои абрнок бештар (мас., дар ағбаи Анзоб 100 ва минтақаҳои баландкӯҳи яхбаста то 150 рӯз ва зиёдтар) мегардад. Одатан, дар айёми хунуки сол асосан пайдоиши абрҳои қабата ва дар айёми гарми сол тӯдаабрҳо ва тӯдаабрҳои боронӣ (махсусан дар моҳи май) хос аст. Аз абрҳои раъдубарқӣ борони сел ва бештар *жола* меборад, ки ба х. қ. зарар мерасонад.

О. В. Перченко.

АБРАЗИЯ (лот. abrasio — тарошидан), аз бархӯрдани (латмазании) мавҷҳои об вайрон шудани соҳилҳои баҳр, кӯл ва обанборҳои калон. Суръати А. ба сохти геологӣ ва нишебии соҳил, инчунин ба қувваи мавҷи об вобаста аст. А. дар соҳилҳо суфа ва зинаҳои абразиявӣ ба вуҷуд меоварад. Дар назди соҳил аз ҷинсҳои вайроншуда — шағал, рег ва ғ. суфаҳои аккумулятивӣ пайдо мешаванд.

АБРА́МОВ Павел Дементьевич (1911, хутори Черёмухаи вил. Волгоград — 1968, пос. Октябрь, р-ни Вахш), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1949). А. солҳои 1930—36 коргари хоҷагии бешапарварии ш. Мичуринск, 1936—68 колхозчӣ, сардори звено ва раиси к-зи «Ленинград» (собиқ к-зи «Пешқадам»)-и р-ни Вахш буд. Звенои А. с-ҳои 1947—48 ҳосили баланди пахтаи маҳиннах рӯёнд. А. бо 2 ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АБРА́МОВ, пирьяхи нишебаи ҷанубӣ қ.-кӯҳи Олой (РСС Қирғ.), дар саргаҳи д. Кӯксу. Пирьях дар баландии 4960 м ва нӯги забонаи он дар баландии 3366 м воқеъ гаштааст. Дарозиаш 9 км; масоҳ. 22, 76 км². А.-ро нахустин бор с. 1896 С. П. Коржинский тадқиқ кард. С-ҳои 1933—34 онро гурӯҳи геологии экспедицияи тадқиқоти Помири Тоҷикистон бо сардории А. П. Марковский омӯхт. Аз с. 1967 дар назди пирьях станцияи доимӣ кор карда, ҳолати пирьяхро меомӯзад.

АБРА́Қ (слюда), гурӯҳи минералҳои мансуби алюмосиликатҳои варақин. А. гармитобовар, ҷараёни электрро намегузаронад, таркиби химиявиаш мураккаб ва тағьирёбанда аст. Формулаи умумиаш

$$R_1R_{2-3}[AlSi_3O_{10}](OH, F)_2,$$

дар ин ҷо

$R_1 = K, Na; R_{2-3} = Al, Mg, Fe, Li$

мебошад. Аз рӯи таркиб А. магнию оҳандор (флогопит, биотит, лепидомелан), алюминийдор (мусковит, парагонит) ва литийдор (циннвальдит, лепидолит) мешавад. Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ. Кристаллҳояш варақ-варақ, тахта-тахта ё пулакчамонанд шуда, дар кӯндаланги то ба 1 м мерасанд. Сахтиаш 2—3; зичиаш 2700—3200 кг/м³. А. дар табиат васеъ паҳн гашта, ҳамчун минерали ҷинсофарин дар таркиби бисьёр ҷинсҳои интрузивӣ (гранитҳо, сиенитҳо, диоритҳо), метаморфӣ (гнейсҳо, варақасангҳои кристаллӣ ва ғ.) дучор меояд. Кристаллҳои калони дорои аҳамияти саноатӣ дар пегматитҳо ва конҳои гидротермалии вольфрам, молибден ва ғ. вомехӯранд. А. масолеҳи муҳими термоизоляционӣ, электроизоляционӣ буда, дар электротехника, радиотехника, авиация васеъ истифода мешавад. Конҳои калонтарини А. дар СССР (вил-ҳои Иркутск, Мурманск, РАСС Карелия, Урал), Ҳиндустон, ШМА, Бразилия, Африкаи Ҷанубӣ, Австралия воқеанд. Кони хурди он дар қ.-кӯҳи Ишкошим (ВАБК) ҳаст.

АБРБАНДӢ, ҳунари гулпартоӣ ба танидаи абрешим ва ресмоне, ки дар натиҷаи ҳамкории устоҳои нусхапарто, абрбанд, рангуборчӣ, кабудгар, қаткушо иҷро мегардад. Дар абрбандӣ нусхапарто чун наққош тарҳи гули матоъро мекашад, абрбанд, рангуборчӣ, кабудгар ва қаткушо эҷоди ӯро амалӣ мекунанд. Нусхапартоӣ, абрбандӣ ва қаткушоӣ дар абрбандхона, рангдиҳӣ дар устохонаҳои рангубор ва кабудгарӣ ба ҷо оварда мешавад. Дастгоҳи абрбандӣ аз ду чӯбчаи дарозиаш 1 метрӣ ва ду ҷуфт мехи чӯбини дарозиаш 1—1,2 м, ки дар масофаи 3—3,5 м аз ҳамдигар ба фарш кӯфта шудаанд, иборат аст. Абрбанд ҷои ранги аввалини танидаро кушод гузошта, ҷойҳои дигар рангҳоро бо ресмони ғафси обногузар мебандад. Баъди ҳар як рангубор абрбанд ҷои навбатии рангдиҳиро кушода, ҷойҳои рангдодаро мебандад. Одатан гулҳои нақш тобишҳои гуногун: сурх, сабз, зард, кабуд, сиёҳ ва ғ. дорад ва ҳар яки он дар натиҷаи рангдиҳии навбатӣ ҳосил мешавад. Баъди ба охир расидани абрбандӣ ва рангдиҳӣ танидаро дар байни меҳҳои чӯбин таранг мекашанд. Устои қаткушо чигили танидаро кушода, онро чилла мекунад. Танидаи нақшини чиллашуда баъди амалҳои дигар ба монанди теғкашӣ, гулбардорӣ, оҳардиҳӣ ва ғ. ба бофтан тайёр мешавад.

Н. Турсунов.

АБРЕШИ́М, нахи маҳини табиӣ ва сунъӣ. Пайдоиши А.-и табиӣ таъриҳи қадим дорад. Дар Осиёи Миёна тақрибан 4000 сол пеш кирмак дошта, А. ҳосил мекарданд. А.-и табиирро аз пиллаи кирмаки тут, булуғ ва ғ. мегиранд. Нахи А. аз ду ғозе иборат мебошад, ки маҳсули ду ғадуди кирмак буда, бо моддаи часпаки серецин ба ҳам пайваста аст. Дарозии нахи А.-и як пилла 400—1200 м ва ғафсиаш 25—30 мкм мешавад. Ранги А. вобаста ба зоти кирмак сафед, зард, гулобӣ ва сабз

мешавад. А.-и табиӣ бақуввату бадошт ва чандиру ҷилодор буда, хусусияти хуби диэлектрӣ ва гарминогузаронӣ дорад. А. ашьёи қиматбаҳои саноати бофандагӣ, электротехникӣ, авиационӣ ва тиббӣ буда, дар кайҳоннавардӣ ва изоляцияи симҳои радиою телефон низ истифода мешавад. А.-и сунъиро бо роҳи химиявӣ аз ангиштсанг, нефть, газ, чӯб ва ғ. ҳосил мекунанд, ки бо номи капрон, нейлон, дедерон, силон, ситрон ва ғ. машҳур аст. Ниг. низ *Пиллакашӣ* ва *Кирмакдорӣ*.

И. Ҳомидов.

«АБРЕШИМЧИИ ПЕШҚАДАМ», газетаи бисьёртиража. Органи комитети партиявӣ, касабавӣ, комсомолӣ ва маъмурияти комбинати абрешими Ленинобод. Аз с. 1940 бо тиражи 1500 нусха ба забони тоҷикӣ ҳафтае як бор нашр мешавад. Аввал «Зарбдори абрешим», аз № 14 (90) — 22 окт. 1940 «Пешқадами абрешим», аз № 20 (268) — 30 авг. 1960 «Абрешимчӣ» ном дошт. Аз № 1 (361) — 17 июли 1964 «А. п.» ном гирифт.

АБРИКОСОВ Алексей Иванович (18. 1. 1875, Москва — 9. 4. 1955, ҳамон ҷо), олими советӣ дар соҳаи анатомияи патологӣ, акад. АФ СССР (1939) ва АИТ СССР (1944), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1945), Ходими Хизматнишондодаи илм (1929). Аъзои КПСС аз с. 1939. С-ҳои 1944—51 директори Ин-ти морфологияи нормалӣ ва патологии АИТ СССР. Корҳои асосии А. ба сили шуш, варамҳои мушак, морфологияи *аллергия*, асосҳои патологияи умумӣ ва ғ. бахшида шудаанд. Аъзо-корр. АФ Польша. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1942). Бо 2 ордени Ленин ва ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст. АИТ СССР мукофоти ба номи А. И. Абрикосовро, ки барои тадқиқотҳои беҳтарин оид ба анатомияи патологӣ дода мешавад, муқаррар намуд.

Ас.: Основы общей патологической анатомии, 9 изд., М., 1949; Основы частной патологической анатомии, 4 изд., М., 1950.

АБРӮЙ, ابروی (ابریزی) Абрезӣ (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 585), пешвои шӯриши табақаҳои камбағалтарили аҳолии Суғди Поён (ҳозира вил. Бухоро) дар с-ҳои 80-уми а. 6 ба муқобили заминдорони калон ва савдогарони маҳаллӣ. Назар ба маълумоти Наршаҳӣ, ки аз номи Нишопурӣ нақл менамояд, А. баъди ба даст даровардани Байканд (Пайканд) ҳокими вилоят гардид. Дар натиҷа деҳқонони заминдор ва савдогарони сарватманд ба танг омада, ба Ҳафтрӯд гурехта, аз ҳоқони турк Қарочурин дасти ёрӣ талабиданд. Қарочурин с. 585 ба шӯришчиён зарбаи ҳалокатовар расонд. А. ба қатл расонида шуд. Ниг. низ *Шӯриши Абрӯй*.

Ад.: Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972.

АБСОРБЦИЯ (лот. absorbtio — ҷаббиш), ҷаббидашавии модда ба ҷисми моеъ ё баъзан сахт (абсорбент) аз махлути газҳо ё маҳлул (абсорбат). Ҳангоми А. ҷаббиш дар тамоми ҳаҷми абсорбент мегузарад. Моҳияти физикии А.-и газ бо моеъ аз он иборат аст, ки дар байни абсорбент ва абсорбат қабатҳои газ ва моеъ ҳосил мешаванд. Аз қабати газӣ компоненти махлути газмонанд дар натиҷаи диффузия ба ҳаҷми дохилии абсорбент мегузарад. А.-и газро дар моеъ бо коэф. А. [ҳаҷми газ, ки ҳангоми 1 атм. ($1{,}01 \cdot 10^5$ Па) будани фишор ва 0° С будани ҳарорат дар 1 мл моеъ ҷаббида шудааст] чен мекунанд. А. дар техникаю саноат ҳангоми софкории газ аз омехтаҳои заҳрнок, коркарди нефть ва инчунин дар процессҳои физиологӣ (хусусан мубодилаи газ) истифода мешавад. Дар Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. ва кафедраи химияи Ун-ти давлатии Тоҷикистон А.-ро дар омӯзиши флотацияи канданиҳои фоиданок, олкории нах ва такшини элементҳои радиоактив татбиқ мекунанд.

Ад.: Рамм В. М., Абсорбция газов, М., 1966; Физико-химические основы комплексной переработки руд Средней Азии, Д., 1970. *Ҳ. М. Еҳубов.*

АБСТРАКЦИОНИЗМ, санъати абстрактӣ (лот. abstractio — дур шудан, мавҳум, тасаввури ғайриконкретӣ), санъати мавҳум, ҷараёни иртиҷоӣ дар рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва графика, ки хилофи реализм аст. Охири а. 19 ва ибтидои а. 20 дар як қатор мамлакатҳои капиталистӣ ба вуҷуд омад. А. дар санъати тасвирӣ бо номи «санъати бепредмет», дар кинематография бо номи «антифильм», дар адабиёти бадеӣ бо номи «антироман» ва ғ. зоҳир шуда истодааст. Асосгузорони А. санъаткорони голландӣ П. Мондриан, франсавӣ Р. Делоне, испанӣ Ф. Пикабия, дар Россия В. В. Кандинский ва К. С. Малевич буданд. А. чун идеология зуҳуроти фалсафаи индивидуалӣ, субъективӣ ва таълимоти идеалистии «санъат барои санъат» мебошад. Тарафдорони А. вазифаҳои ҷамъиятии санъатро ба инобат нагирифта, эҳсосоти шахсии рассомро воситаи асосии тасвир ҳисоб мекунанд ва барои «озодии мутлақ» аз воқеият ва ҷамъият «муборизо» мебаранд. Ба фикри назарпётчиёни А. санъат ҳақиқатро не, балки эҳсосоти субъективии санъаткорро ифода мекунад. Барои ҳамин, онҳо аз тасвири ҳаққонии ҳодиса ва чизҳои объективӣ даст кашида, дар санъати рассомӣ ба воситаи доғҳо ва хатҳои гуногун, дар ҳайкалтарошӣ бо конструкцияҳои бемазмун, дар мусиқӣ бо садоҳои гӯшхарошу нофаҳмо эҳсосот ва афкори худро ифода мекунанд. А. типикунонидани ҳақиқати объективӣ, шаклу анъанаҳои миллӣ ва моҳияти иҷтимоии санъатро рад намуда, диди эстетикиро нодуруст шарҳ медиҳад ва инсонро аз дарки зебоиҳои табиат ва ҳаёти иҷтимоӣ маҳрум месозад. Эстетикаи марксистӣ-ленинӣ асосҳои назариявии ғайриилмӣ ва иртиҷоии А.-ро рад мекунад. Ҳоло А. дар зери таъсири равияҳои пешқадами санъати тасвирӣ мавқеи худро аз даст дода истодааст.

Ф. Турсунзода.

АБСТРАКЦИЯ (лот. abstractio — таҷрид, дур шудан, мавҳум), яке аз лаҳзаҳои процесси *маърифат* ва тафаккури мантиқӣ, ки дар рафти он кас аз хусусият ва робитаҳои беаҳамияти предмети омӯхташаванда фикран дур шуда, хусусият ва робитаҳои асосию умумии онро ҷудо мекунад. Абстракцияҳои илмӣ моҳияти «ихтисораҳое мебошанд, ки ба воситаи онҳо мо маҷмӯи ашьёи гуногуни бо ҳис даркшавандаро мувофиқи хосиятҳои умумиашон фаро мегирем» (Ф. Энгельс, Диалектика природы, М., 1955, стр. 187). Масалан, категорияҳои материя, ҳаракат, инкишоф, қонун, мазмун, шакл, мол, арзиш ва ғ. дар натиҷаи А. ҳосил шудаанд. «Тафаккур,— мегӯяд В. И. Ленин,— аз чизи конкретӣ ба сӯи абстракция боло баромада, аз ҳақиқат дур намеравад, балки ба он наздик мешавад. Абстракцияи материя, абстракцияи қонуни табиат, абстракцияи арзиш ва ҳоказо, хулоса ҳамаи абстракцияҳои илмӣ табиатро чуқуртар, дурусттар, пурратар, инъикос менамоянд. Аз муроҷибаи зинда ба сӯи тафаккури абстрактӣ ва аз тафаккури абстрактӣ ба сӯи амалия — чунин аст роҳи диалектикии донистани ҳақиқат, донистани реалияти объективӣ» (Асарҳо, ҷ. 38, саҳ. 169—170). Бе А. дониши илмӣ, тадқиқи моҳияту қонунияти олами воқеӣ имконнопазир аст. А. ҳадду андоза дорад ва доираи онро моҳияту табиати ашёи тадқиқшаванда ва таҷрибаи инсон муайян мекунад. Аз ин ҳад гузаштан боиси аз реалияти объективӣ ҷудо шудани фикр ва ба вуҷуд омадани ҳар гуна хаёлоти динӣ мегардад. Ин гуна А.-ҳо асоси гносеологии идеализм мебошанд.

Ад.: Маркс К. и Энгельс Ф., Святое семейство, Соч., т. 2, ҳамон муаллиф, К критике политической экономии, т. 13; Ленин В. И., Оид ба характеристикаи романтизми иқтисодӣ, Ас. ҷ. 2; ҳамон муаллиф, Дафтарҳои философӣ, Ас., ҷ. 38; Горский Д. П., Вопросы абстракции и образование понятий, М., 1961. *М. Болтаев.*

АБСЦИССА (лот. abseissus — бурида), яке аз координатаҳои декартии нуқта, ки бо ҳарфи «*x*» ишора мешавад.

АБУЛАББОСИ АББОСИ ابوالعباس عباسی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик, дар миёнаҳои а. 10 зистааст. Асадии Тӯсӣ миқдоре аз абьёти ӯро дар «Луғати фурс» чун шоҳид зикр кардааст. А. А. зоҳиран аз шоирони Мовароуннаҳр (Осиёи Миёна) аст. Аз ашъори А. А.

чун диг. шоирони ин давр абьёти пароканда боқӣ мондааст, ки дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) овардаанд. Абьёти боқимондаи А. А. аз ҷиҳати сохт ва мундариҷа гуногунанд. Дар ин миён байтҳои лирикӣ ва порчаҳои эпикӣ дучор меоянд, ки васфи ёр, шикояти аҳвол, ҳаҷви касе, мадҳи соҳибмансабе ва баёни воқеаеро дар бар гирифтаанд. Сабки баён ва таркиби луғати А. А. ба Рӯдакӣ хеле монанд аст. *Ҷ. Азизқулов*

АБУЛАББОСИ БАХТЬЁР ابوالعباس بختیار (с. тав. ва ваф. номаълум), бастакор, ҳофиз, навозанда ва мусиқишиноси а-ҳои 9—10. Дар Бухоро тав. шуда, умр ба сар бурдааст. А. Б. санъат ва назарияи мусиқиро хуб медонист ва чандин санъаткорон, аз ҷумла Рӯдакӣ, таркиботи илми мусиқиро аз ӯ омӯхтаанд.

АБУЛАББОСИ ЛӮКАРӢ ابوالعباس لوکری (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва донишманди а. 11 форс-тоҷик. Дар Лӯкар (аз деҳоти Марв) зиндагӣ ба сар бурдааст. А. Л. асарҳои илмию адабиашро ба ду забон — тоҷикӣ ва арабӣ менавишт. Ӯ аз шоирони соҳибдевон буда, вале девонаш то ба имрӯз нарасидааст. Илми ҳикмат (фалсафа) ба туфайли А. Л. дар Хуросон интишор ёфта, бештарини файласуфону донишмандони он ҷо аз шогирдони ӯ будаанд, ки Қаттони Марвазӣ аз ҷумлаи онҳост. Осори А. Л. соҳаҳои гуногуни илмро дар бар мегирад; муҳимтарин асари ӯ «Баён-ул-ҳақ би-з-замон-иссидқ» («Баёни ҳақиқат бо замонати рости») мебошад, ки ба илми мантиқ оид аст. Аз ашъори А. Л. қасидае бо унвони «Асрор-ул-ҳикмат» боқӣ мондааст, ки аз 5 қисм иборат буда, ҳар кадом ба соҳаҳои ҷудогонаи илм (мантиқ, табиёт, риёзиёт, илоҳиёт, ахлоқ) оид аст ва муаллиф ба ҳар кадоми он шарҳе навиштааст. А. Л. аз донандагони машҳури илми нуҷум буда, яке аз онҳоест, ки бо Умари Хайём *«Зиҷи Маликшоҳӣ»*-ро тартиб додаанд.

АБУЛАББОСИ НАЙРЕЗӢ ابوالعباس نیریزی Фазл ибни Хатим (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 922, Найрези Шероз), астроном ва математики араб. Дар Бағдод, дар ҳузури халифа Мӯътазид (822—903) кор ва эҷод кардааст. Зиҷе ба унвони ӯ бахшидааст. Ибни Надим дар «Ал-Феҳрист» менависад: «Найрезӣ дар илми нуҷум ва ҳайат ангуштнамо буд». Берунӣ дар «Қонуни Масъудӣ» ва «Осор-ул-боқия» ба асарҳои илмии ӯ баҳои баланд медиҳад. А. Н. доир ба устурлоб ва ҳаракати сайёраҳо рисола дорад. Ба «Ибтидо»-и Евклид ва асарҳои Птолемей шарҳ навиштааст, ки онро Герардои Кремонӣ (1114—87) ба лотинӣ тарҷума кардааст. Як нусхаи ин тарҷума дар китобхонаи Лейпциг маҳфуз аст.

АБУЛАЙЮБИ НАДИМӢ ابوالایوب ندیمی (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳофиз, машҳоқ ва мусиқишиноси а. 9. Дар Ҷаҳрам (Хуросон) тав. ёфта, дар Бағдод ваф. кардааст. Назар ба маълумоти Наршахӣ ва Табарӣ, А. Н. ба Мадина рафта, иқомат ва эҷод намудааст. Дар Бағдод роҳбари яке аз мактабҳои мусиқӣ буд. Дар санъати мусиқӣ таълифоти зиёде дошта, рисолаи «Китоб-ун-нағам ва-л-иқоъ» («Китоби сурудҳо ва зарбҳои мусиқӣ»)-и ӯ аз асарҳои калони назарияви ҳамон давра ба шумор меравад.

АБУЛВАФОИ БУЗАҶОНӢ ابوالوفای بزجانی Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Яҳьё (940, Бузаҷони Хуросон—997/8, Бағдод), математик ва астроном. Дар синни 20 ба Бағдод меояд ва дере нагузашта дар соҳаи математика ва астрономия машҳур мегардад. Доир ба арифметика, геометрия, тригонометрия ва астрономия таълифоти бисьёре дорад, ба асарҳои Евклид, Диофант, Птолемей ва Хоразмӣ шарҳ навиштааст. Ибни Надим дар «Ал-Феҳрист» 11 асари А. Б.-ро номбар мекунад. Аз ҷумла, нусхаи хаттии «Рисола фиҳо юҳтоҷ илайҳи ас-сонеъ мин аъмол ил-ҳандаса» («Рисола роҷеъ ба зарурати амали ҳандаса») дар Истамбул, «Китоб-ал-Маҷастӣ» дар Париж маҳфузанд. А. Б. дар расадхонаи Бағдод оид ба тартиб додани зиҷ, муайян кардани қутрҳои (диаметрҳои) кунҷии Офтобу Моҳ, дар омӯхтани ҳаракати номунтазами Моҳ тадқиқот бурдааст. Берунӣ дар «Китобу таҳдид ниҳоёт-ил-амокин ли тасҳеҳ масофот-ил-масокин» («Геодезия») менависад, ки с. 997 А. Б. дар Бағдод ва худаш дар Хоразм гирифти Офтоб (кусуф)-ро баробар мушоҳида ва натичаро муқоиса намудаанд. А. Б. дар соҳаи геодезия, санъати меъморию техника низ асарҳо эҷод кардааст.

АБУЛМАОЛӢИ НАСРУЛЛОҲ ابوالمعالی نصرالله ибни Муҳаммад ибни Абдулҳамиди Муншӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), нависандаи а. 12 форс-тоҷик. Дар дарбори Ғазнавиён муншӣ ва дабир буда, то мансаби вазирӣ тараққӣ кард. Бо иғвои дарбориён ба қатл расид. А. Н. дар таъриҳи адабиёт бо таҳрири *«Калила ва Димна»* машҳур аст.

АБУЛМАСАЛИ БУХОРОӢ ابوالمثل بخارائی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 10 форс-тоҷик. Аз мероси адабии ӯ абьёти пароканда боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) ҷамъ овардаанд. Абьёти боқимондаи А. Б. асосан маснавӣ ва қасидаву ғазал буда, ишқ, панду ҳикмат, баёни воқеа ва ғ.-ро дар бар мегирад.

АБУЛМУАЙЙИДИ БАЛХӢ ابوالمؤید بلخی (с. тав. ва. ваф. номаълум), шоир ва дабири а. 10 форс-тоҷик. Бо таълифи «Аҷоиб-ул-булдон», ки «Аҷоиб-уд-дунья» низ меноманд, маъруф аст. Ин асари насрӣ аз аҷоиботи шаҳрҳо баҳс мекунад ва нусхае аз он боқист. А. Б. ду асари диг. таълиф кардааст, ки яке «Шоҳнома»-и мансур буда, қисме аз онро «Гаршоспнома» ҳам меномидаанд. «Юсуф ва Зулайхо»-и А. Б. достони манзум аст. Ин ду асари охир то замони мо нарасидаанд. А. Б. бо тахаллуси Муайидӣ низ шеър месурудааст. Аз мероси адабии А. Б. ғайр аз «Аҷоиб-ул-булдон» як миқдор абьёти пароканда боқӣ мондааст, ки дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд овардаанд. Абьёти боқимондаи А. Б. асосан лирикӣ буда, тасвири табиат, ишқ ва мадҳро дарбар мегирад. Чанд байти маснавӣ ҳам дучор меояд.

АБУЛФАВОРИСИ ФАНОРӮЗӢ ابوالفوارس فناروزی Хоҷа Амид (с. тав. ва ваф. номаълум), насрнавис ва мутарҷими а. 10 форс-тоҷик. А. Ф. зоҳиран аз атрофи Самарқанд аст, зеро Фанорӯз деҳе аз деҳоти ин шаҳр будааст. Дар с-ҳои 950—951 А. Ф. *«Синдбоднома»*-ро аз забони паҳлавӣ ба дарӣ-тоҷикӣ гардонд. Тарҷумаи он то замони мо нарасидааст. Аммо насрнависи а. 12 *Заҳирии Самарқандӣ* матни тарҷумаи А. Ф.-ро дубора таҳрир кардааст, ки чанд бор, аз ҷумла дар Тоҷикистон (1971) ба табъ расид. *Ҷ. Азизқулов.*

АБУЛФАЗЛ ИБНИ МУБОРАК ابوالفضل ابن مبارک мутахаллис ба Алломӣ (1550, Агра, Ҳиндустон — 1602), насрнавис, шоири форсизабони Ҳинд. Дар илмҳои гуногун таълифоти зиёд дорад. Китоби «Акбарнома», ки таъриҳи ҳукмронии Акбар аст ва «Оини Акбарӣ» аз ҷумлаи таълифоти ӯст. Китоби «Калила ва Димна»-ро бо номи «Иёри дониш» таҳрир ва танзим кардааст. Дар тарҷумаи «Маҳабҳарата» ва таълифи «Таъриҳи Алфӣ» иштирок кардааст. Муншаоти ӯ бо номҳои «Мукотиботи Алломӣ», «Иншои Абулфазл» ё «Мукотиботи Абулфазл» маълуманд. Дар ахлоқ ва тасаввуф низ таълифоте доштааст. Китоби «Ҳуют-ул-ҳайвон» («Зиндагии ҷонвароН»)-и Камолуддини Шофеиро (1342—1406) аз арабӣ ба форсӣ тарҷума кардааст. А. бо тахаллуси Алломӣ ғазал, қасида ва маснавӣ низ сурудааст.

АБУЛФАЗЛИ САМАРҚАНДӢ ابوالفضل سمرقندی Муҳаммад ибни Абдуҷалил ибни Ҳайдар (с. тав. ва ваф. номаълум), муаррих ва географи а. 12 форс-тоҷик. Дар асоси китоби устодаш Умар ибни Муҳаммади Насафӣ (ваф. 1142) «Китоб-ул-қанд фи таъриҳи Самарқанд» асари худ «Қандияи хурд»-ро тасниф кардааст, ки баъзе маълумоти географию топографии Самарқанд ва атрофи он, ахбори таъриҳӣ, ривояти оид ба истилои араб, таъриҳи сиёсии ноҳияҳои ҷудогонаи Самарқанд ва қисман Бухороро дарбар мегирад. «Қандияи хурд» намунаи жанри адабиёти таъ-

рихию географии регионалист. Китоб дар Тошкент, Самарқанд, инчунин дар хориҷа борҳо чоп шудааст.

Ас.: Қандияи хурд. Мураттиб Мулло Абдулҳакими Тоҷир, Самарқанд, 1909; Кандия Малая (Предисл. пер. примеч. В. Л. Вяткина). Справочная книжка Самаркандской области, в. 8, Самарканд. 1906. *Ю. С. Мальцев.*

АБУЛФАЙЗХОН ابوالفیض خان хони Бухоро (1711—47) аз сулолаи Аштархониён. Дар аҳди ӯ Самарқанд аз ҳайати аморати Бухоро баромада, ба маркази мустақил табдил ёфт, дар водии Фарғона хонии Қўқанд ҳамчун давлати мустақил рўй ба инкишоф ниҳод. Дар идораи давлат роли асосиро сардори қабилаи мангит Ҳакимбой атолиқ мебозид. Амалиёти ўро шоҳи Эрон *Нодиршоҳ* дастгирй карда, с. 1740 Бухороро ишғол намуд. Гарчи А. расман то с. 1747 хон буд, вале Нодиршоҳ ба писари Ҳакимбой — Муҳаммадраҳим имконият дод, ки мавқеи худро дар давлати Аштархониён мустаҳкам кунад ва дар оянда соҳиби тахту тоҷи Бухоро гардида, ба сулолаи *Мангития* асос гузорад. Сафири Пётри I Флорио Беневени дар аҳди А. ба Бухоро омад. Абдурраҳмони Давлат доир ба 11 соли ҳукмронии А. асаре навишта, ҳудсарии аҳли дарбор, феодалон ва сардорони қабилаҳо, таназзули иқтисодиёти мамлакат ва хонахаробии аҳолиро хеле возеҳ тасвир кардааст. Нусхаи ягонаи ин асарро проф. А. А. Семёнов ба забони русй тарҷума ва дар Тошкент (1959) нашр кардааст. *А. Мухторов.*

АБУЛФАРАҶ ابوالفرج (тахал., номи пурраш Григорий Иоанн Бар-Эбрай, муарраби он Ҷирҷис Юҳан ибни Ибрия; 1226, Мальта — 1286, Марога), нависанда, файласуф ва табиби Сурия. Илми балоғат (риторика) ва тибро омўхтааст. С. 1246 ба мансаби олии дини насронй — епископ расидааст. А. забонҳои форсй, юнонй, муғулй, арманй ва яҳудии қадимро медонист; асарҳояшро ба суриёнй ва арабй навиштааст. Доир ба тиб, астрономия, таъриҳ, балоғат, сарфу наҳв, фалсафа таълифоти зиёде дорад. А. дар фалсафа пайрави Ибни Сино буд. Таълифоти ӯ аз «Таъриҳи мухтасари давлатҳо» (дар 3 қисм), «Ҳикмат ва хирадмандй», «Ақли салим», «Китоб-ул-ашьё», сарфу наҳви манзум ва луғати тафсирй (618 байт) ва ғ. иборат аст. Вале муҳимтарин ва маъруфтарин асари А. «Ҳикоёт ва воқеоти шавқангез» мебошад, ки ба бисьёр забонҳо, аз ҷумла бо унвони «Книга занимательных историй» (1961) ба русй тарҷума шудааст. Дар ин асар табақаи ҳукмрон ба зери танқид гирифта шуда, бисьёр ҳикояҳои он мазмуни атеистй доранд. *К. Мусофиров.*

АБУЛФАРАҶИ ИСФАҲОНИ ابوالفرج اصفهانی Абулфараҷ Алй ибни Ҳусайни Исфаҳонй (897—967, Исфаҳон), мусиқишинос, шоир, забоншинос ва астрономи форс-тоҷик. А. И. илмҳои замонашро дар зодгоҳаш омўхта, муддате дар Бағдод ва Ҳалаб чун надими дарбор хизмат кардааст. Асари ӯ «Китоб-ул-ағонй» («Китоби сурудҳо») ба забони арабй навишта шуда, дар бораи ҳофизону бастакорон, мутрибону раққосаҳо, мусиқишиносону навозандагони номй ва ҳаёти мусиқии а-ҳои 7—10 маълумот медиҳад. Ин асар, ки аз 21 ҷилд иборат буда, с-ҳои 1868—1906 дар Миср ба табъ расидааст, дар омўхтани таъриҳи мусиқии форс-тоҷик ва диг. халқҳои Шарқ низ аҳамияти калон дорад.

АБУЛФАРАҶИ РУНЙ ابوالفرج رونی ибни Масъуд (с. тав. номаълум — ваф. 1116), шоири форсизабони Ҳиндустон. Падараш Масъуди Розй, ки низ шоир буд, аз Хуросон ба Руна (мавзее дар назди Лоҳур) рафта, А. Р. дар он ҷо ба дунёё омадааст. Баъд аз таҳсили илмҳои анъанавии давр, чун шоир шўҳрат ёфта, бо адибони он кишвар робитаи эҷодй пайдо мекунад. Шоири маъруфи давр Масъуди Саъди Салмон А. Р.-ро устоди худ номидааст. А. Р. дар шеъри форсй-тоҷикй таъбирҳои арабй, истилоҳоти илмиро ба кор бурдааст. Ин тарзи нигориш, ки яке аз хусусиятҳои *сабки ироқист,* дар эҷодиёти шоирони минбаъда, аз ҷумла Анвари Абевардй ривоҷ ёфт. Сарчашмаҳои адабию таъриҳй миқдори ашъори А. Р.-ро 4 ҳазор байт гуфтаанд. Вале аз мероси адабии ӯ дар ҳудуди 2 ҳазор байт боқй мондааст. Дар сарчашмаҳои адабй («Ал-Мўъҷам», «Лубоб-ул-албоб» ва ғ.) порчаҳои манзуми мансуб ба А. Р. дучор меоянд, ки дар нусхаҳои девонаш вонамехўранд. А. Р. бештар қасида, қитъа, рубой ва ғазал навиштааст. Дар қасидаҳояш баъзе воқеаҳои таъриҳии давр акс ёфтаанд, аз ин ваҷҳ аҳамияти таъриҳй низ доранд. Ақидаҳои ичтимоии А. Р. асосан дар қитъа ва рубоиҳояш ифода гардидаанд. Шоир бештар аз носозгории замон, қадру қимат надоштани аҳли илму ҳунар шикоят кардааст. Ғазалҳояш асосан ишқй. *Т. Неъматзода.*

АБУЛФАТҲ АБДУРРАҲМОНИ ИСКАНДАРЙ ابوالفتح عبدالرحمن اسکندری (с. тав. номаълум — ваф. 1165), олим, географи араб, муаллифи луғати географии «Китоб-ул-амкина ва-л-миёҳ ва-л-ҷибол ва-л-осор ва наҳваҳа-л-мазкура фи-л-ахбор ва-л-ашъор» («Китоб доир ба маконҳо, об, кўҳу ёдгориҳо ва ғ., ки дар ривояту шеърҳо зикр шудаанд»). Дар китоб шарҳи номи қариб 3000 мамлакат, вилоят, шаҳр, баҳр, дарьё, кўҳ, қалъа мувофиқи «*Ҳафт иқлим*» омадааст. Инчунин маълумоти доир ба таъриҳ ва таъриҳи адабиёт илова шудааст, ки бо географияи кишварҳои Шарқ алоқаманд мебошад. Дар асар номҳои географй ва тасвири шаҳрҳо, вилоятҳо, дарьёю воҳаҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Марв, Фарғона, Хоразм ва ғ. зикр ёфтаанд, ки қимати илмй ва таъриҳй доранд. Луғат баъдтар аз тарафи Абўмўсо Муҳаммад ибни Умари Исфаҳонй (ваф. 1185) ва Абўбакр Муҳаммад ибни Мўсои Ҳозимй (ваф. 1188) таҳриру такмил шудааст. *Ю. С. Мальцев.*

АБУЛФАТҲИ СИҶЗЙ ابوالفتح سجزی ибни Аҳмад (тақр. 954—1024), шоҳмотбоз, файласуф, астроном ва математик. Муаллифи «Китоби шатранҷ», нусхаи қадимии ин асар (бештар аз 300 саҳ.) с. 1313 ҳ. дар Бухоро рўнавис шудааст, ки он ҳоло дар китобхонаи Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Ўзб. маҳфуз аст. А. С. дар аввали китоб ақидаҳои фалсафию ичтимоии худро баён намуда, дар хусуси фазилатҳое, ки шатранҷ дар асоси онҳо бино ёфтааст, ҳикматҳое, ки дар ин бозии зебо ниҳон аст, дар бораи одоби бозй ва ғ. мухтасар маълумот медиҳад. А. С. инсонро пурқиматтарини мавҷудоти олам дониста, омўхтани бозии шатранҷро воситаи равшан кардани фикру зеҳн ва тақвияи ақлу дониши он мешуморад. Дар хусуси таъриҳи пайдоиши шатранҷ сухан ронда, устодон ва муқаддимони ин санъатро ном мегирад. Ў дар асоси маъхазҳои қадимй ба чунин хулоса меояд, ки шатранҷ аз ихтирои ҳиндуён набуда, балки онро дар а. 6 ба Ҳиндустон аз Эрон бурда, тағйир медиҳанд ва дар он ҷо шатранҷи ҳиндй ба вуҷуд меояд, ки бо шашхол бозй карда мешудааст. А. С. дар бораи шоҳмотбозони замони худ ва олияҳои (гроссмейстерҳои) пешин, навъҳои бозии шатранҷ, аз ҷумла бозй бо шеъргўй, ки шеърҳо ба рафти бозй алоқаманданд, бозй бо ҳисоби математикй, дар хусуси қимати (қуввати нисбии) ҳар мўҳра дар рўи натъ (тахтаи шоҳмот) маълумот медиҳад. Дар асар 10 таъбия (дебют), бештар аз 250 мансуба (этюд, масъала) ва бисьёр намунаҳои наводири шатранҷ оварда шудаанд, ки онҳо дар 308 диаграмма акс ёфтаанд. Дар мавзўи шоҳмот 96 рубой, 3 қасида ва байтҳои бисьёр, аз ҷумла 179 байти Абў Суҳайл Муҳаммад ибни Алии Бадоеъ гирд оварда шудааст. Ин асари А. С. дар Осиёи Миёна чун қомуси шоҳмот дар тўли асрҳо хизмат кардааст. Қимати ин асар дар он аст, ки бештари маълумотҳояш дар маъхазҳои қадимии арабй (Сулй, Ибни Надим) дида намешаванд ва дар асоси ахбори муаллифони Хуросон ва Мовароуннаҳр таҳрир ёфта, чигунагии бозии мардумони ин ноҳияро равшан мекунад. Чунончи, дар хусуси Абўрайҳони Берунй, ки аз ҳамасрони ўст, гуфтааст: «Ҳоҷа Ҳаким Абўрайҳон, ки дар ислом ҳакиме чун ў набудааст, он чй ў дар арсаи шатранҷ сохта, ба ҷумлаи мардумон овардааст, некўтар ва ачибтар аз он ҳама, ки пеш аз вай

будааанд ва қиссаест, ки ин аз ҷумлаи тилисмотаст». А. С. аз шарҳи ҳоли худ хабар дода, мегӯяд: «Ман, ки Абулфатҳи Сиҷзиам, дар шатранҷ дасти тамом доштам ва аз он вақт, ки 15-сола будам, то кунун дар муддати 50 сол дар Хуросон, Ироқ, Ғазнин ва Ҳиндустон бигаштам ва ҳеҷ кас надидам, ки дар ин санъат беҳ аз ман донист ё бо ман баробарӣ тавонист». Маълум мегардад, ки А. С. дар шоҳмотбозӣ аз забардастони замони худ будааст. *И. Раҳматов.*

АБУЛХАЙР МАХДУМИ ҲОФИЗ ابوالخير مخدوم حافظ (с. тав. ва ваф. номаълум), сарояндаи охири а. 19 ва ибтидои а. 20 тоҷик. Дар Самарқанд умр ба сар бурдааст. А. М. Ҳ. аслан муаллими риёзиёт буда, овози бисьёр хуб дошт. Ӯ мақомҳоро моҳирона иҷро мекард. А. М. Ҳ. дар инкишофи шашмақомхонӣ саҳми босазо гузоштааст. Мақомҳои «Ироқ», «Дугоҳ», «Сегоҳ», «Чоргоҳ», «Панҷгоҳ» ва сурудҳои халқӣ дар иҷрои ӯ таровати хосе пайдо мекарданд.

АБУЛХАЙРИ ХОРАЗМӢ ابوالخير خوارزمی Хаммор Ҳасан ибни Сивор ибни Бобо Баҳром (942, Бағдод — 1048), файласуф, табиб ва мутарҷими араб. Шоҳи Хоразм Маъмун ибни Муҳаммад А. Х.-ро ба Хоразм даъват карда, ӯро надим ва табиби шахсии худ таъин менамояд. Ӯ ҳамроҳи Ибни Сино дар дарбор хизмат мекунад. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ баъди тасхири Хоразм А. Х.-ро ба наздиҳ худ ба шаҳри Ғазна меоварад. А. Х. дар он ҷо ба табобат машғул шуда, доир ба тиб асарҳо таълиф менамояд. Дар синни 102-солагӣ аз дини насроний даст кашида, дини исломро қабул менамояд. Асарҳои фалсафии ӯ аз инҳо иборатанд: «Китоб-ул-ҳаюло» («Китоб дар бораи модда»), «Китоб-ус-садиқ ва-с-садоқа» («Китоб дар бораи дӯст ва дӯстӣ»), «Сиратул-файласуф» («Сирати файласуф»), «Китоб-ул-вифоқ байн-ар-раъй-ил-фалосифа ван-насрония» («Китоб дар бораи созиши афкори файласуфҳо ва насронихо»), «Китоб-ул-лабс фил-кутуб-ил-арбаа фил-мантиқ» («Китоб дар бораи норавшаниҳои чаҳор китоб дар қисмати мантиқ»). Доир ба тиб асарҳои зайл ба ӯ мансубанд: «Мақола фи имтиҳон-ил-аттибоъ» («Китоби санҷиши табибон»), «Мақола фи халқ ил-инсон ва-т-таркиби аъзоиҳи» («Китоб доир ба офаринриши инсон ва таркиби узвҳои ӯ»), «Китоб-ул-ҳавомил» («Китоби ҳомиладорӣ») ва ғ. А. Х. асарҳои «Ал-осор-ул-улвийа» («Осори осмонӣ») ва «Китоб-ул-осор-ул-мухайила» («Китоби осори хаёлот»)-ро низ тарҷума кардааст. *М. Ҳазратқулов.*

АБУЛЪАЛОИ МААРРӢ ابوالعلاء المعری Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Сулаймон (973—1057), шоир ва файласуфи араб. Аз онлаи сарватманд. Дар сесолагӣ кӯр шуда, аз 11-солагӣ ба шеъргӯй сар кардааст. Дар Ҳалаб таҳсил кардааст. С. 1007 А. М. дар Бағдод зиста, ба гурӯҳи озодфикрони он ҷо наздик мешавад. Мероси адабии А. М. аз девони ашъор, асарҳои насрӣ, ҳикматҳо иборат аст. Ба девони Мутанаббӣ шарҳ навиштааст. А. М. дар аввалҳои эҷодиёташ мадҳия, марсия ва ҳаҷвия сурудааст: девони «Шарорахо аз оташбарг» (нашри 1884) ва «Дарроҳмонда» (нашри 1912). Маснавии «Лозими нолозим» (нашри 1930) қуллаи эҷодиёти А. М. ба шумор меравад. Ҷаҳонбинии А. М. деистӣ аст (ниг. *Деизм*). Дар шеърҳояш разолату беадолатии иҷтимоиро танқид карда, хислатҳои қабеҳи ҳокимони феодалӣ, савдогарон, риёкории уламои исломро бераҳмона фош кардааст. А. М. ба олам назари навмедона доштааст. Дар асарҳои минбаъдааш «Афвнома» (нашри 1903) ва «Рисола дар бораи фариштаҳо» А. М. тасаввуроти динии охиратро ҳаҷв ва ба қудрати ақлу дониши инсон бовар мекунад.

АБУЛЪАЛОИ ШУШТАРӢ ابوالعلای شوشتری (с. тав. ва ваф. номаълум, шоири а. 10 форс-тоҷик. Шарҳи ҳол ва эҷодиёташ номаълум. Дар фарҳанги Асадии Тӯсӣ ва *«Тарҷумон-ул-балоға»*-и Родуёнӣ дар баёни луғат ва санъатҳои шеърӣ аз ӯ чанд мисол омадааст. *Манучеҳрии Домғонӣ* А. Ш.-ро дар як шеъраш аз ҷумлаи шоирони забардасти аҳди Сомониён мешуморад. А. Ш. яке аз аввалин касонест, ки асарҳои адабиётшиносӣ таълиф кардааст. Бино ба ишораи Родуёнӣ, дар илми арӯз ба тоҷикӣ асаре таълиф карда будааст. Аз осори А. Ш. ҳамагӣ 19 байт боқӣ мондааст. Дар байни ин абёт ба номи маъшуқаи шоир як муаммо ҳаст, ки дар ибтидои назми классикии форс-тоҷик маъмул будани жанри муамморо нишон медиҳад. *С. Саъдиев.*

АБУЛЯНБАҒӢ ابوالینبغی Аббос ибни Тархон (с. тав. номаълум — ваф. 844), шоири форс-тоҷик. А. аз ҷумлаи аввалин касонест, ки ба форсӣ-тоҷикӣ шеър гуфтаанд. Ӯ надими *Бармакиён* буда, ба арабӣ низ шеър менавиштааст. Муаллифи китоби «Ал-масолику в-ал-мамолик» Хурдодбеҳ аз ашъори форсӣ-тоҷикии А. қитъаи

سمرقند کند مند
بدینت کی افکند
از چاچ ته بهی
همیشه ته خهی

(Самарқанди ободон,
Кӣ туро ба ин ҳол афканд?
Ту аз Чоч беҳтарӣ,
Ҳамеша ту хубӣ)

-ро нақл кардааст, ки қадимтарин шеъри тоҷикӣ буда, ба *вазни ҳиҷо* суруда шудааст.

АБУЛҚОСИМ АБДУРРАҲМОН ابوالقاسم عبدالرحمن ибни Алӣ ибни Абӯсодиқ (с. тав. номаълум — ваф. 1068), файласуф, табиб, шогирди Ибни Сино. А. А. яке аз шорехони фалсафаи антиқа дар асрҳои миёна буд. А. А. ба асарҳои Ҷолинус (Гален) «Китоб-ул-манофеъ-ил-аъзо» («Китоби доир ба манфиати узвҳои инсон»), Ҳусайн ибни Исҳоқ «Китоб-ул-масоил фит-тиб» («Китоби масъалаҳои тиб»), Буқрот (Гиппократ) «Китоб-ул-фусул» («Китоби фаслҳо») ва «Китоб-ут-тақдимот-ул-маърифат» («Китоб дар бораи маърифати қадима») шарҳ навиштааст. Ба ғайр аз шарҳҳои мазкур асарҳои фалсафӣ низ дорад, ки яке аз онҳо «Ҳалл-у-шукул-ир-Розӣ ало кутуб-ил-Ҷолинус» («Ҳалли мушкилоти Розӣ ба китоби Ҷолинус») мебошад. *М. Ҳазратқулов.*

АБУЛҚОСИМ САЪДУЛЛОҲ ابوالقاسم سعدالله (тав. 1931), шоири алҷазоирӣ. Дар ҷангҳои озодихоҳонаи миллии Алҷазоир ба муқобили истисмори франсавиён фаъолона иштирок кардааст. Шеърҳои ватандӯстонаи А. С. с. 1957 дар маҷмӯаи «Зафар бикун, Алҷазоир» чоп шудааанд. Ин маҷмӯа ба забони русӣ (1961) тарҷума шудааст. А. С. дар сохтмони ҳаёти нави иҷтимоии Алҷазоир иштироки фаъол дорад. Ӯ назми арабро бо шаклу образҳои тозаи шеърӣ ва пафоси граждани бой гардонид. Шеъри «Шоири озод»-и А. С. ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст.

АБУЛҲАВЛ ابوالهول ҳайкали бузургест аз санг дар Миср, дар наздикии Ҷиза. Бараш 17 м., баландиаш 39 м. Ниг. *Сфинкс.*

АБУЛҲАСАНИ АШЪАРӢ ابوالحسن اشعری Абулҳасан Алӣ ибни Исмоил Ал-Ашъарӣ (870—930), асосгузори ҷараёни динии *ашъария*. Ӯро саромади *калом* ҳам меноманд. А. А. дар Машҳад таҳсил кардааст. Байни мутакаллимон ва аҳли сунна созише барқарор намудааст. Таълимоти ашъарияро минбаъд Муҳаммади Ғазолӣ, Абӯбакри Бокулонӣ, Фахруддини Розӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ ва Абӯисҳоқи Шерозӣ инкишоф доданд. Асари асосии А. А.— «Мақолат-ул-исломиин», ки аз таъриҳи фирқаҳои динӣ баҳс мекунад, то ҳол чандин бор дар Ғарбу Шарқ нашр шудааст. Ба қалами вай асарҳои «Китоб-ул-ламъа» («Китоби анвор»), «Китоб-ул-муҷаз», «Ат-табйин ан усул-ид-дин» («Баёни усули дин») низ таалуқ доранд. Осори А. А. тақрибан 55 китобу рисоларо дар бар мегирад. *К. Беков.*

АБУЛҲАСАНИ ЛӮКАРӢ ابوالحسن لوکری Алӣ ибни Муҳаммади Ғазвонӣ, маъруф ба Лӯкарии Чангзан (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 10 форс-тоҷик, зоҳиран дар чангзанӣ маҳорат доштааст. Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» навиштааст, ки А. Л. дар фанни шеър маҳорати баланд дошт. Порчаҳои боқимондаи ашъори ӯ («Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», Сталинобод, 1958) гуфтаи Авфиро тасдиқ мекунанд. Авфӣ чор байти ҳамқофияи А.

Л.-ро мисол оварда, онро ибтидои қасидаи тамомматлаъ дар адабиёти форс-тоҷик номидааст.

АБУЛҲАСАНИ МЕЪМОР ابوالحسن معمار, (с. тав. ва ваф. номаълум), меъмори а. 12 форс-тоҷик. Дар Хуросон камол ёфтааст. Аз осори меъмории А. М. бинои Работи Шараф (Хуросон, 1171) боқист. Ин работ аз ҷумлаи биноҳои бисьёр зебои он замон буда, дар сохтмонаш Алӣ ибни Муҳаммади Сарахсӣ низ иштирок кардааст.

АБУЛҲАСАНИ МУНШӢ ابوالحسن منشی (с. тав. номаълум — ваф. 1853), аз хаттотони а. 19. Аз осори ӯ як нусхаи девони Носири Хисрав бо хатти настаълиқ боқӣ мондааст, ки дар китобхонаи шоҳаншоҳии Теҳрон маҳфуз аст.

АБУЛҲАСАНИ МУСАВВИР ابوالحسن مصور (с. тав. ва ваф. номаълум), рассоми ох. а. 16 аввали а. 17. Рассомиро аз падараш Оғоризои Мусаввир меомӯзад. Аслан ҳиротист, дар Ҳиндустон, дар дарбори Ҷаҳонгир хизмат кардааст. Мусавваракҳои А. М. дар мавзӯъҳои гуногун эҷод шуда, нафосат ва ҷозибаи махсус доранд. Ҳамзамононаш ба ӯ лақаби «Нодируззамон» додаанд ва худи ӯ низ чанд амалашро бо ин унвон имзо кардааст. Бисьёр минётурҳои зебо ва серобуранги А. М. то замони мо омада расидаанд.

Тасвирро ниг. дар сах. 48—49.

АБУЛҲАСАНИ НАСАВӢ ابوالحسن نسوی ибни Аҳмад (с. тав. номаълум— ваф. такр. 1030), математики а. 11 форс-тоҷик. Рисолаи ӯ «Ал-мугнӣ фӣ-л-ҳисоб ил-ҳиндӣ» («Мукаммал дар бораи ҳисоби ҳиндӣ») дар аввал ба забони форсӣ таълиф гардида, сипас ба арабӣ тарҷума шудааст. Нусхаи арабии он ҳоло дар китобхонаи Лейден маҳфуз аст. Рисола аз 4 боб иборат буда, дар бораи амалҳо бо ададҳои бутун, касрӣ, касрҳои омехта ва шастӣ сухан меравад. А. Н. усули соддатарини аз решаҳои квадратӣ ва кубӣ баровардани ададро пешниҳод кард, ки математикони европоӣ П. Руффини (1804) ва У. Горнер (1819) онро такмил доданд. А. Н. ба асарҳои олимони Юнони Қадим Менелай ва Архимед шарҳ навиштааст.

АБУЛҲАСАНИ ҲАМАДОНӢ ابوالحسن همدانی Муҳаммад ибни Абдумалик ибни Иброҳим (1070—1127), муаррих, географи форс-тоҷик. Гузаштагонаш аз Хуросон. Муддате дар Бағдод дар дарбори Салҷуқиёни Ироқ—Султон Муғисуддин Маҳмуди Сонӣ (1118—31) таърихнавис буд. Машҳуртарини асарҳояш «Такмилаи Таърихи Табарӣ» буда, иловаест ба «Таърихи Табарӣ». Дар китоби худ ғайр аз шарҳи географӣ ва топографии шаҳрҳои Ҳамадон, Нишопур, Ҷом, Сабзавор, Астаробод, Бағдод, инчунин ояд ба этнографияи аҳолии ин шаҳрҳо маълумот медиҳад. А. Ҳ. бисьёр маълумотро аз асарҳои таърихию географии пешина, монанди «Таърихи синни мулук»-и Ҳамзаи Ҳамадонӣ (а. 10) ва «Ҳудуд-ул-олам» (а. 10) гирифтааст. Ҷилди якуми «Такмилаи Таърихи Табарӣ» с. 1958 дар Бейрут ба табъ расидааст.

Ю. С. Мальцев.

АБХОЗИСТОН, Республикаи Автономии Советии Социалистии Абхозистон, ба ҳайати РСС Гурҷ. дохил буда, 4. 3. 1921 ташкил ёфтааст. Дар соҳили б. Сиёҳ воқеъ гардидааст. Номи аслиаш Апсни («Мулки дил»). Масоҳ. 8,6 ҳаз. км². Аҳол. 501 ҳаз. наф. (1976), 6 район, 6 шаҳр, 3 пгш дорад. Пойтахташ — Сухуми. Конституцияи ҷории А. дар съезди 8-уми Советҳои умумиабхозӣ 2. 8. 1937 қабул шудааст. Органи олии ҳокимияти давлатӣ — Совети Олии Республика, дар давраи байни сессияҳо — Президиуми Совети Олӣ. Органи олии иҷроия ва амрдиҳанда — Совети Вазирон. Органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Советҳои депутатҳои халқии шаҳрӣ, районӣ, посёлкавӣ ва қишлоқӣ мебошанд. Системаи судӣ: Суди олии РАСС Абх. ва судҳои халқии районӣ.

Табиат. А. кишвари кӯҳсор буда, дар қисми шим. ғарбии Закавказье воқеъ аст. Аз шим. онро қ-кӯҳи Асосии Кавказ (баландиаш то 4046 м аз с. б.) иҳота намуда, аз он ба Ҷ. ва Ҷ. Ғ. қ-кӯҳҳои Гагра, Бзиб ва Кодор ҷудо шудаанд. Қад-қади соҳили б. Сиёҳ минтақаи пастии наздибаҳрӣ тӯл кашидааст. Иқлими А.— субтропикии сернам, ҳарорати миёнаи янв. дар соҳил 4—6° С, авг. 22—24° С. Миқдори боришоти солона 1400—1500 мм. Дарьёҳои асосӣ: Бзиб, Кодори, Гумиста, Келасури. Кӯлҳои калонаш Рица ва Амткели. Таркиби заминаш дар баландии то 500 м аз с. б. зардхок ва сурххок, дар кӯҳҳо хоки карбонатдор ва бешагӣ, баландтар аз 2000 м хокҳои марғзори кӯҳист. Бештар аз 55% масоҳати А. бешазор буда, дар қисми соҳилии мавзеи дим. Пицунда ва Мюсера бешаи қадимаи дарахтони санавбар боқӣ мондааст. Дар баландии аз 700 то 2200 м бешаи кӯҳӣ, аз он баландтар марғзори субальпӣ ва альпӣ воқеъ гардидаанд. Дар А. хирс, хуки ваҳшӣ, гавазн, нахҷир, титав, гулмоҳӣ, озодмоҳӣ ва ғ. вомехӯранд. Сарватҳои

Сухуми. Соҳили баҳр.



Пицунда. Пансионатҳои соҳили б. Сиёҳ.

зеризаминӣ: ангиштсанг, полиметаллҳо, симоб, барит, чашмаҳои минералӣ.

Аҳолӣ. Ҳайати миллии аҳол. А. аз абхозҳо (15,9%), гурҷиҳо (41%), русҳо (10,2%), арманиҳо (15,3%) ва диг. иборат аст. Аҳол. шаҳр — 44,2%, қишлоқ—55,8%; 81% аҳолӣ дар минтақаи наздибаҳрӣ, дар баландии то 200 м аз с. б. зиндагӣ мекунад. 54,4% аҳолии қобили меҳнат машғули зироат, 22,7% дар саноату нақлиёт кор мекунад. Шаҳрҳои калонтарин: Сухуми (бандар), Ткварчели, Гагра.

Очерки таърихӣ. Дар ҳудуди А.-и ҳозира ёдгориҳои археологии а-ҳои қадим ва нави сангин, неолит ва биринҷӣ кашф шудаанд. Дар нимаи аввали ҳазорсолаи 1 то м. аҷдоди абхозҳои ҳозира — абазгҳо мезистанд; дар ин давра дар минтақаи назди соҳилии А. қасабаҳо пайдо шуда, ҳунармандӣ ривоҷ ёфт. Аз миёнаи ҳамин ҳазорсола қасабаҳои юнонӣ (Диоскурия ва ғ.) ба вуҷуд омаданд. Дар а-ҳои 7—6 то м. фанои сохти авлодӣ сар шуда, ҷамъияти синфӣ пойдор гардид. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ муносибатҳои падаршоҳӣ-авлодӣ муддати дароз боқӣ монданд. Дар охири а. 2 то м. А. дар зери итоати давлати Понтийҳо ва аз с. 65 м. то-

Кӯли Рица.

беи Рим буд. Дар давраи атиқа қисми А. ба подшоҳии Колхида дохил буд. Аҳол. А. бар зидди ҳукмронии Рим ва Византия муборизa бурд. Дар охири а. 1 м. дар территорияи А. давлатчаҳо (князиҳо)-и Абсилҳо, Абазгҳо ва Саниғҳо ба вуҷуд омаданд. Дар а-ҳои 2—6 м. дар А. нахустин муносибатҳои феод. пойдор гардиданд; князиҳои абсилҳо, абазгҳо, саниғҳо ташкил ёфтанд; дини насроний паҳн гардид. Аз а. 4 м. А. ба подшоҳии Лазики Гурҷистони Ғарбӣ дохил шуд.

Дар охири а. 8 ҳокими А. Леони II мамлакатро аз тобеияти Византия озод карда, тамоми Гурҷистони Ғарбиро дар давлати подшоҳии Абхозистон муттаҳид гардонд. Дар нимаи 2-юми а. 10 А. ба ҳайати давлати муттаҳидаи Гурҷистон дохил шуд. Баъди инқирози подшоҳии Гурҷистон дар натиҷаи асорати муғулҳо ва тохтутози Темур А. аз охири а. 16 ба князии алоҳида ҷудо шуд. Дар а-ҳои 16—18 ба тасарруфи Туркия афтод. С. 1810 А. ба Россия ҳамроҳ гардида, аз тааддии султонҳои турк комилан наҷот ёфт ва барои равнақи иқтисодиёт шароит муҳайё гардид. С. 1866 бар зидди зулми феод. ва мустамликадорӣ шӯриш ба амал омада, с. 1870 ҳуқуқи крепостной барҳам хӯрд. А. ба роҳи тараққиёти капиталистӣ дохил шуд. Меҳнаткашони А. таҳти роҳбарии большевикон ба муборизаи революционӣ, ки он аз аввалҳои а. 20 пурзӯр гардид, ҳамроҳ шуданд. Дек. 1905 дар Сухуми, Гудаута ва Гагра ҳокимият расман дар дасти меҳнаткашон буд, аммо ҳаракатҳои революциониро қӯшунҳои подшоҳӣ паҳш карданд. Аз нояб. 1917 дар А. ҳокимиятро гурӯҳи меньшевик ба даст гирифтанд. Февр.— марти 1921 меҳнаткашони А. бо ҳамроҳии ранҷбарони Гурҷистон ба шӯриши яроқнок бархостанд ва 4 март дар А. Ҳокимияти Советӣ эълон шуд. Дек. 1921 РАСС Абх. ба ҳайати РСС Гурҷ., дек. 1922 ҳамчун қисми РСС Гурҷ. ба ҳайати ЗСФСР ва СССР дохил гардид. С. 1925 Конституцияи якуми А. қабул шуд. Аз февр. 1931 А. ҳамчун РАСС-и комилҳуқуқ ба ҳайати РСС Гурҷ. дохил аст. С. 1942 меҳнаткашони А. бо ҳамроҳии Армии Советӣ ба қӯшунҳои фашистие, ки аз ғарбҳои Қ-кӯҳи асосии Кавказ гузаштанӣ буданд, сахт муқобилат нишон доданд. Ба 20 нафар фарзандони далери А. номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ дода шудааст.

Хоҷагии халқ. Соҳаи асосӣ — парвариши зироати субтропикӣ ва саноати азнавкоркунии ашёи хоми х. қ. А. яке аз беҳтарин р-нҳои курортии СССР аст. Дар А. туризм инкишоф ёфта, саноат дар шаҳрҳои минтақаи назди баҳр ҷой гирифтааст. Республикаро бо қувваи электр ТЭЦ-и Тквaрчели ва ГЭС-и Сухуми (дар д. Гумиста) таъмин мекунанд. Дар Тквaрчели ангишт истеҳсол мешавад. Сухуми з-дҳои механикӣ, дастгоҳсозӣ, таъмири киштӣ, ф-каҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ дорад. Дар А. бисьёр ф-қаҳои чой (Ачигвара, Гали, Гудаута ва диг.) ва тамоку (Сухуми, Гудаута, Очамчира ва диг.) ҳаст. Замини киштукор асосан дар соҳили баҳр ва доманаи кӯҳҳо ҷой гирифта, зироатҳои бисьёрсола: чой (14,4 ҳаз. га), ангур (6,3 ҳаз. га) ва цитрусиҳо (3 ҳаз. га) тараққӣ кардааст. Соҳаи асосии ҳорводорӣ — парвариши ҳорвои калони шоҳдор. Дар А. сабзавот ва ғалла мекоранд, хук, парранда ва занбӯри асал низ мепарваранд. А. роҳҳои оҳан, автомобильгард, инчунин роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ дорад.

Нигаҳдории тандурустӣ. То 1. 1. 1972 дар А. 57 касалхона (дорои 4640 кат), 116 амбулатория ва поликлиника, 1449 духтур ва 4524 коркуни миёнаи тиб, 14 санатория (дорои 3368 кат) ва 28 хонаи истироҳату пансионат (дорои 9529 кат) буд. Курортҳои калонаш: Сухуми, Гагра, Гудаута, Афони Нав, Пицунда, Леселидзе.

Маданият. То Рев. Каб. Соц. Октябрь $^{9}/_{10}$ аҳолӣ бесавод буд. Дар давраи Ҳокимияти Советӣ бесаводӣ барҳам хӯрд. С. 1971 А. 191 муассисаи томактабӣ (10 ҳаз. кӯдак), 451 мактаби маълумоти умумӣ (110,6 ҳаз. талаба), 6 мактаби миёнаи махсус (3166 хонанда), 8 қасри пионерон ва мактаббачаҳо, 10 мактаби спортӣ, 3 станцияи техникҳои ҷавон, 2 мактаби олӣ (7577 студент), 15 муассисаи илмӣ (зиёда аз 757 нафар коркунони илмӣ, аз ҷумла 45 доктор ва 358 номзади илм), 313 китобхонаи оммавӣ, 3 музей, 207 клуб, 255 дастгоҳи кинонишондиҳӣ дошт. 3 газетаи республикавӣ: «Апсны Капш» («Абхозистони Сурх», аз 1921) ба забони абхозӣ, «Сабчота Абхазети» («Абхозистони Советӣ», аз 1937) ба забони гурҷӣ ва «Советская Абхазия», аз 1921) ба забони русӣ, 2 журнал: адабӣ-бадеӣ «Алашара» («Нур») ва бачагона «Амцабз» («Гулхан») чоп шуда, нашриёти «Алашара» даҳҳо номгӯй китоб мебарорад. Радиои республикавӣ ба забонҳои абхозӣ, гурҷӣ ва русӣ хабарҳо мешунавонад. Программаҳои радио ва телевизиони Москва, Тбилиси ва Сочиро истифода мебаранд. Алфавити забони абхозӣ с. 1862 тартиб дода шуда, алифбои нахустин с. 1865 дар Тифлис нашр гардид. Адабиёти бадеии А. дар с-ҳои 20 а. 20 ба вуҷуд омад. Фольклори гуногунжанри абхозӣ сарчашмаи он буд. Асосгузорони адабиёти абхоз Д. И. Гулиа (1874—1960), С. Ҷанба (1886—1938) мебошанд. С-ҳои 20—30 ба арсаи адабиёт нависандагони ҷавон: И. Папаскири, Д. Дарсалия, Л. Квициния, Л. Лабахуа, Б. Шинкуба ва диг. дохил шуданд. Шоирони абхоз дар с-ҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шеъру достонҳои ватандӯстона офариданд. Дар солҳои баъди ҷанг насрнависон И. Папаскири, М. Хашба, М. Папаскири, И. Тарба, М. Гулиа, А. Гогуа ва диг. асарҳо эҷод карданд.

Дар А. ёдгориҳои давраи биринҷӣ, осори иншооти азим, биноҳои исти-

қоматию мудофиавӣ боқӣ мондаанд. Меъмории А. дар асрҳои миёна хеле тараққӣ карда, ба биноҳои ин давра ҳашамату салобат ва гуногуншаклӣ хосанд (қасрҳои Амбара, Гантиади, маъбадҳои салибгунбази Данда, Афони Нав, Бедия ва диг.). Дар А.-и социалистӣ шаҳрҳо аз нав сохта, обод карда мешаванд. Дар Сухуми Хонаи ҳукумати РАСС Абх. (1932), меҳмонхонаи «Абхозия» (1938), вокзали роҳи оҳан (1951) ва ғ. ҳастанд. Санъати тасвирӣ ва ороишӣ (бофандагӣ, хотамкорӣ, минётура, фреска ва ғ.) дар А. аз қадим инкишоф ёфтааст. Дар ин ҷо рассомон И. П. Цомая, Н. О. Табукашвили, Х. Т. Авидзба, Ч. В. Кукуладзе, М. Е. Эшба ва диг. эҷод мекунанд. Кандакории чӯб, устухон ва шох, мисгарӣ, заргарӣ ва нақшу нигор инкишоф ёфтааст. Мусиқии халқии абхозӣ бисьёровоза буда, дар он достонҳои қаҳрамонии таърихӣ ҷои махсусро ишғол мекунанд. Труппаи театрӣ бо роҳбарии Д. И. Гулиа с. 1921 ба кор шурӯъ кард. С. 1928 сектори абхозии театри Сухуми кушода шуда, с. 1930 дар Сухуми дар заминаи студияи драма театри миллии абхоз ташкил ёфт, ки он театр аз с. 1967 ба номи С. Ҷанба гузошта шуд.

Ад.: Мгеладзе К. Г., Природа Абхазии, Сухуми, 1961; Очерки истории Абхазской АССР, ч. 1—2, Сухуми, 1960—64; Инал-Ипа Ш., Заметки о развитии абхазской литературы, Сухуми, 1967.

АБХОЗҲО (худ апсуа гӯянд), миллат, аҳолии РАСС Абх. Қисми А. дар РАСС Оҳор., инчунин дар Туркия, Юнон ва мамлакатҳои араб зиндагӣ мекунад. Шумораи А. дар СССР 83 ҳаз. (1970). Ба *забони абхозӣ* гап мезананд. Аҷдоди А. сокинони қадимтарини соҳили Баҳри Сиёҳи Кавказ буданд. Аз ҷиҳати урфу одат ба *ӯрҷиҳо*, аз ҷиҳати забон ва маданият ба *адигейҳо* наздик. Алифбои А. дар асоси графикаи русист. Динҳорони А. дар гузашта ба дини православӣ (аз а. 6), дар районҳои шимолӣ ба мазҳаби суннии дини ислом (аз а. 15) эътиқод доштанд.

Ад.: Инал-Ипа Ш., Абхазы, 2 изд., Сухуми, 1965.

АБЪОД ابعاد ниг. *Бӯъд*.

АБУАБДУЛЛОҲИ ЗУЗАНӢ ابوعبدالله زوزنی Ҳусайн ибни Аҳмад (с. тав. номаълум—ваф. 1093), адиби форс-тоҷик. Забони арабиро хеле хуб медонистааст ва ба ин забон шеър ҳам сурудааст. Аз ӯ то замони мо китоби «Ал-масодир» (луғати арабӣ ба форсӣ) боқӣ мондааст.

АБУАБДУЛЛОҲИ НОТИЛӢ ابوعبدالله ناتلی математик, табиатшинос, файласуфи а-ҳои 10—11 форс-тоҷик, устоди Абӯалӣ ибни Сино. А. Н. дар Бағдод таҳсил карда, дар фалсафаю адаб машҳур мегардад, пас ба Бухоро меояд. Бо ёрии А. Н. Ибни Сино ҷавоҳ асари Порфирӣ (Фарфириус) «Муқаддимаи мантиқ», «Ибтидо»-и Евклид (Уқлидус), муқаддимаи асари Птолемей (Батлимус) «Ал-маҷастӣ»-ро меомӯзад. Асарҳои зеринро ба А. Н. нисбат медиҳанд: «Вуҷуд ва шарҳи исмиҳӣ» («Вуҷуд ва шарҳи номи он»), «Илми иксир» («Илми кимиё»). Ин асарҳо то замони мо боқӣ намондаанд. *М. Султонов*

АБУАБДУЛЛОҲИ ФАРОЛОВӢ ابوعبدالله فرالاوی Муҳаммад ибни Мӯсо (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 10 форс-тоҷик. Рӯдакӣ А. Ф.-ро чун шоири бузурги давр ном бурдааст. Аз аҳволи А. Ф. то имрӯз маълумоте надорем. Аммо аз тазкираи Авфӣ пайдост, ки дар сарчашмаҳои адабии а-ҳои 11—12 доир ба шӯҳрати А. Ф. ахбори зиёде мавҷуд будааст. Аз мероси адабии ӯ як миқдор абьёти парокандае боқӣ мондааст, ки дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд овардаанд. Аксари он абьёт лирикист ва дар онҳо аз масъалаҳои гуногуни зиндагии рӯзамарра шоир сухан рондааст.

Ад.: محمد عوفی، لباب الالباب، با مقدمه و تصحیح و حواشی، براون، جلد ۱_۲ لندن، ۱۹۰۳_۱۹۰۶

С. Саъдиев.

АБУАБДУЛЛОҲИ ФУШӢИ ҚУРАШӢ ابوعبدالله فوشی قرشی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва назариячии адабиёти а. 11 форс-тоҷик. Дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти адабии ӯ дар сарчашмаҳои қадим маълумот хеле кам аст. Аз мероси адабии ӯ байтҳои пароканда боқӣ мондаанд. А. Ф. Қ. аз шоиронест, ки аввалин маротиба дар арӯз доираи «Мунъакиса»-ро ихтироъ кардаанд.

АБУАБДУЛЛОҲИ ХОРАЗМӢ ابوعبدالله خوارزمی маъруф ба Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Котибии Хоразмӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1009), қомуснигор, мусиқишиноси форс-тоҷик. Тақрибан с-ҳои 975—991 А. Х. дар Балх ва Нишопур фаъолияти илмию адабии худро давом медиҳад. Ӯ дабири дарбори Сомониён ва яке аз надимони Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ буд. Аз эҷодиёти А. Х. асари машҳури ӯ ба забони арабӣ «Мифтоҳ-ул-улум» («Калиди илмҳо») боқӣ мондааст, маъруф бо номи «Қомус»-и Юсуфи Хоразмӣ. Ин асар аз 2 фасл ва 6 боб иборат буда, илмҳои гуногунро тадқиқ менамояд. Яке аз бобҳои асосии қомус ба таҳлили мусиқӣ бахшида шудааст. Дар китоб оид ба пайдоиш, назария ва истилоҳоти мусиқӣ, мафҳуми мақомҳо, таркиби онҳо, нақшу пешрав, нағма, бӯъд, иқоъ, ҷинс, ҷамъ, лаҳн, фосила, овоз, асбобҳои мусиқӣ ва ғ. маълумоти муфассал оварда шудааст. «Мифтоҳ-ул-улум» дар Эрон ба забонҳои арабӣ ва форсӣ (тарҷумаи Ҳусайн Ҳадиви Ҷам) ба табъ расидааст. *Т. Шаҳобов.*

АБУАБДУЛЛОҲИ ШЕРОЗӢ ابو عبدالله شیرازی — ниг. *Бобо Кӯҳии Шерозӣ*.

АБУАЛӢИ БАСРӢ ابوعلی البصری Ҳасан ибни Хайсам (965—1039), физик ва математики араб. Доир ба соҳаҳои гуногуни физика, математика, тиб ва фалсафа асарҳо таълиф кардааст. «Китоб-ул-манозир» («Оптика»)· ном асари ӯ с. 1572 бори нахуст ба забони лотинӣ тарҷума шуд. Маълумоте, ки доир ба сохти чашм додааст, ба ақидаҳои илми муосир наздиканд. Ақидаи ӯ дар бораи бо ду чашм дидан ва интиҳо доштани суръати рӯшной ҷолиби диққатанд. А. Б. инъикос ва шикасти рӯшноиро дар муҳитҳои гуногун тадқиқ ва ба зичии муҳит вобаста будани нишондиҳандаи шикастро муайян намуд. Инчунин кӯшиш кард, ки давомати шафақро ба ҳисоб гирифта, дар асоси он баландии атмосфераи заминро муайян кунад. А. Б. дар «Китоб-уш-шарҳ мусодарат китоб-ил-Уқлидус фил-Усул» (Шарҳи муқаддимаи «Ибтидо»-и Евклид) постулатҳои Евклидро таҳлил ва масъалаи хатҳои параллелиро тадқиқ намуд. Чунончи, ӯ нишон дод, ки ду хати рости ҳамбур ба як хати рост параллель шуда наметавонанд.

АБУАЛӢИ МАРВАЗӢ ابوعلیء مروزی ибни Ҳусайн (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 12 форс-тоҷик. Ду қасида ва намунае аз рубоиёти ӯ ба воситаи *«Лубоб-ул-албоб»*-и Авфӣ то имрӯз расидааст. Ҳар ду қасида мадҳист, рубоиёташ масъалаҳои гуногуни зиндагиро дарбар гирифтаанд.

АБУАЛӢИ ҚАЛАНДАР ابوعلیء قلندر Шарафуддин Абӯалӣ ибни Солор Фахруддини Понипатии мутахаллис ба Шараф (1254, Понипат — 1324, ҳамон ҷо), шоири мутасаввифи форсизабони Ҳиндустон. Аз пайравони Қутбуддини Кокӣ ва Низомуддини Авлиё, ки ҳар ду пешвоёни тариқате аз тасаввуф буданд. А. Қ. дар назму насри тасаввуфӣ таълифоти зиёд дорад. «Номаи Шайх Шарафуддин» ва «Маҷмӯаи макотиб» аз ҷумлаи онҳост. Аз мероси адабии А. Қ. девони ғазалиёт (600 байт) бо таҳаллуси «Шараф», маҷмӯаи рубоиёт ва се маснавӣ дар ҳаҷми 1800 байт боқӣ мондааст, ки асосан мазмуни тасаввуфӣ доранд.

АБУАМИР (БУАМИР) ابوامیر (тав. дар Рай — ваф. дар Ҳамадон), ҳофиз ва машшоқи а-ҳои 9—10 форс-тоҷик. А. санъати сароядагӣ ва навозандагиро аз падараш омӯхтааст. Бештар дар сурудани таронаҳои халқии мардуми Хуросон ном бароварда ва ӯ аввалин санъаткоре буд, ки таронаҳои халқии замонашро бо зарби хафиф (сабук) месуруд. Аз ин рӯ, А.-ро чун Абӯамири Чакомагӯ ном мебурдаанд. А. ба чандин санъаткорони давраш ин усули таронагӯиро низ омӯзондааст. Санъаткорони номии а-ҳои 10—11 Ситии Заррин, Абӯбакри Рубобӣ, Муҳаммади Рубобӣ, Алибегии Танбӯрӣ ва ғ. усули ӯро давом додаанд.

АБӮБАКРИ КАЛАВӢ ابوبکر کلوی (с. тав. номаълум — ваф. 1366, Самарқанд), яке аз роҳбарони *шӯриши сарбадорон.* Дар вақти ҳуҷуми мӯғулҳо ба Мовароуннаҳр амирони Осиёи Миёна Ҳусайн ва *Темур* дар муҳорибаи назди Чирчиқ шикаст хӯрда, ба Балх гуреҳтанд. А. К. бо ҳамроҳии Мавлонозода ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ муҳофизати Самарқандро ташкил намуда, хони мӯғулҳо — Ильёсхоҷаро маҷбур кард, ки Самарқандро тарк кунад. Мудофиаи Самарқанд (1365) давоми шӯриши сарбадорон буд. Баҳори с. 1366 Темур ва Ҳусайн ба Самарқанд баргашта, шӯришро берахмона пахш карданд. Роҳбарони сарбадорон, аз он ҷумла А. К.-ро бо ҳилаю фиреб ба қатл расонданд.

Ад.: Бартольд В. В. Народное движение в Самарканде в 1365 г., Соч., т. 2, ч. 2, М., 1964; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972. *Ш. Юсуфов.*

АБӮБАКРИ РУБОБӢ ابوبکر ربابی (с. тав. ва ваф. номаълум), навозанда, ҳофиз ва бастакори а-ҳои 10—11. Ӯ дар дарбори Хоразмшоҳиён хизмат намуда, дар санъати рубобнавозӣ беҳамто буд. Аз ин рӯ ӯро ба унвонҳои «Бубакри Рубобӣ» ва «Мутриби Мовароуннаҳрӣ» ном мебурданд.

АБӮБАКРИ СИДДИҚ ابوبکر صدیق Абдуллоҳ ибни Абӯқаҳҳофа (571—634), халифа (632—634), яке аз чор ёр, падарарӯси Муҳаммади пайғамбар (падари Оиша). Савдогари калон. Аз қабилаи қурайши Макка буда, пеш аз ислом Абдуллот («лот» — бут) ном дошт. Баъди қабули дини ислом Абдуллоҳ ном гирифт. Ҳамроҳи Муҳаммад аз Макка ба Ясриб (Мадина) ҳиҷрат кард (622). Дар ҷангҳои ғазовоти Бадр, Уҳуд, Хандақ ҳамроҳи Муҳаммад иштирок намуд. Баъди вафоти Муҳаммад халифа шуд.

АБӮБАКРИ ҚАРОҶӢ ابوبکر قراجی Муҳаммад ибни Ҳусайн (с. тав. номаълум, Қароҷ — ваф. байни 1019—29, Бағдод), математик, муаллифи рисолаҳои «Китоб ул-кофӣ фӣ-л-ҳисоб» («Китоби кофӣ дар ҳисоб»), «Китоб ул-ҷабр ва-л-муқобала ва ҳува маъруф би-л-фахрӣ» («Китоби алҷабр ва алмуқобала, ки маъруф аст ба Ал-фахрӣ») (мухтасараш «Ал-фахрӣ»), ки тақрибан с. 1010 навишта шудааст. Китоби аввал аз 70 боб иборат аст. 43 боби он ба арифметика, бобҳои 44—53 ба геометрия, бобҳои 54—70 ба алгебра бахшида шудааанд. А. Қ. рисолаҳои *Абӯкомили Мисрӣ, Абулвафои Бузаҷонӣ,* Муҳаммади *Хоразмӣ* ва «Арифметика»-и *Диофантро* мукаммал омӯхта, дар «Ал-фахрӣ» математикаи замонаашро такмил додааст. Қисми тарҷумаи франсавии ин рисола дар Париж маҳфуз аст. Аз А. Қ. ғайр аз асарҳои дар боло номбаршуда осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки «Мухтасар фи-л-ҳисоб ва-л-масоҳат» («Мухтасари ҳисоб ва масоҳат»), «Ҳисоб ул-ҳинд» («Ҳисоби ҳиндӣ») ва ғ. аз қабили онҳоанд. Рисолаҳои А. Қ. дар таъриҳи инкишофи математикаи Шарқ роли муҳим бозиданд ва ба тараққии математика дар Европа таъсири ҷиддӣ расонданд.

АБӮДУЛАФ ابودلف Мисъор ибни Муҳалҳил ал-Хазраҷии Янбӯъӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), сайёҳ ва географи араб. Дар чорьяки аввали а. 10 ба Бухоро омада, с-ҳои 914—942 дар дарбори амири Сомонӣ — Наср ибни Аҳмад хизмат кардааст. А. с. 942 бо ҳайати сафорати Хитой дар Бухоро ба саёҳати Туркистони Шарқӣ, Тибет, Хитой, Эрон ва Ҳиндустон мебарояд. Асарҳои ҷуғрофии А. «Рисолат-ул-увло» («Рисолаи аввал») ва «Рисолат-ул-ухро» («Рисолаи охир») оид ба ҷуғрофияи таъриҳии кишварҳои Осиёи Миёна, Хитой, Эрон ва Ҳиндустон маълумоти муҳим медиҳанд. Аз забони А. ҳикояву ривоят ва латифаҳои зиёде ҳам машҳуранд. *А. Афсаҳзод.*

АБӮЗАБӢ ابوظبی шаҳр дар соҳили халиҷи Форс, пойтахти муваққатии Аморатҳои Муттаҳидаи Араб. Маркази тиҷорат, нақлиёт ва истеҳсоли нефти мамлакат. Аҳол. 235,8 ҳаз. наф. (1976).

АБӮЗАЙД ابوزید (с. тав. ва ваф. номаълум), мутахаллис ба Абӯзайди Кошонӣ, аз ҳунармандони кошикори а-ҳои 12—13. Аз осори ҳунарии А. баъзе намунаҳо боқӣ мондаанд. Кошиҳои катибаҳо ва меҳроби ҳарами Имом Ризо дар Машҳад, маҷмӯи кошиҳои зебо ва як кошии тиллоии ситорашакли тасвирдор (Музеи Исломӣ, Қоҳира) ба А. тааллуқ доранд.

АБӮЗАЙДИ БАЛХӢ ابوزید بلخی Аҳмад ибни Саҳл (850, Балх, деҳаи Шомистиён — 934), географ, астроном, табиб ва забоншиноси форс-тоҷик. А. Б. аз файласуфи араб Яъқуб ибни Исҳоқи Киндӣ фалсафа, астрономия, теология, табиёт, тиб ва диг. илмҳои замонашро омӯхтааст. А. Б. муаллифи тақрибан 60 асари илмист. Аз ҷумла «Китоб фи фазилат-ил-улум-ир-риёзиёт» («Китоб оид ба фазилати илми риёзиёт»), «Китоб-ун-наҳв-в-ат-тасриф» («Китоби сарфу наҳв»), «Ҳудуд-ул-фалсафа» («Ҳудуди фалсафа»), «Китоб масолиҳ ил-абдон ва-н-нуфус» («Китоби салоҳи баданҳо ва ҷонҳо»), «Китоб моясаҳ мин аҳкоми-н-нуҷум» («Китоб оид ба он чӣ саҳеҳ аст аз аҳкоми нуҷум»), «Китоб-ун-наводир фи фунун шатта» («Китоби нодир дар бораи як қатор фанҳо») ва ғ. ба қалами ӯ мансубанд. Асарҳои мазкур пурра то замони мо нарасидаанд. А. Б. доир ба география «Сувар-ул-ақолим» («Тасвири иқлимҳо») ном рисолае дорад, ки дар сарчашмаҳои мухталиф бо унвони «Ашкол-ул-билод» («Сохти кишварҳо»),

Харитаи ҷаҳон дар тасаввури Абӯзайди Балхӣ.

«Тақвим-ул-булдон» («Маълумотноманаи кишварҳо») зикр шудааст. Дар он маълумоти муфассали таъриҳию географӣ ва этнографӣ доир ба кишварҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо, инчунин қавму қабилаҳои дунёё, харитаҳои гуногун оварда шуда, Замин ба шакли доира тасвир ёфтааст. *Истахрӣ* (а. 10) он асарро бо иловаи баъзе маълумоти тоза доир ба Форс, Хузистон, Ҳиндустони Шим. такмил дод. Баъд Ибни Ҳавқал ба китоби А. Б. таҳрир даровардааст, ки он таҳти унвони «Китоб-ул-мамолик вал-масолик» («Китоби мамлакатҳо ва роҳҳо») машҳур гардид. Китоб зиёда аз 20 харита дорад, як нусхаи он дар музеи Британия маҳфуз аст. Баъдтар маҷмӯи ин харитаҳо бо унвони «Атласи исломӣ» машҳур гаштаанд.

Ад.: Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 4, М.-Л., 1957. *Ю. С. Мальцев.*

АБӮИСҲОҚИ АТЪИМА ابواسحق اطعمه Ҷалолуддин Ҳаллоҷи Шерозии маъруф ба Бусҳақи Атъима ва Шайхи Атъима (нимаи 2 а. 14, Шероз — 1423, ҳамон ҷо), шоири форс-тоҷик. Қисми асосии ҳаёташ дар Шероз гузашта ва дар он ҷо таҳсил кардааст. Шоир ба Исфаҳон ва ба шаҳрҳои Хуросон мусофират намуда, чанде дар он маҳаллот умр ба сар бурдааст. Пешааш ҳаллоҷӣ буда, дар шоирӣ табъи равон доштааст. Вале назму насраш оҳанги мутоибавӣ дорад. Маҷмӯаи ашъори ӯ бо унвони «Девони Атъима» маъруф буда, он дорои манзумаи «Ганз-ул-иштиҳо» («Ганҷинаи иштиҳо»), маснавии «Асрори чангол», достони «Музаффару Буғро», рисолаи «Моҷарои Биринҷ ва Буғро», рисолаи «Хобнома», қасоид, ғазалиёт, муқаттаот, рубоиёт ва фардиёт аст. А. А. бештар образҳои ашъори гузаштагонро тағйир дода, анвои таом ва хӯрокиҳоро васф кардааст. Осори манзуми А. А., ба ҷуз порчаҳои шеърие, ки дар таркиби асарҳои мансураш мавҷуданд, 1603 байтро дарбар мегирад. Эҷодиёти А. А. ба шоирони баъдинаи форс-тоҷик



Автомобили боркаши ЗИЛ-130: 1 — фашанги рулии тормоза; 2 — фашанги рулии кадди; 3 — наварди карданнии идораи рули; 4 — механизми руль ва гидротаквият; 5 — радиатори системаи хунуккунй; 6 — вентилятори системаи хунуккунй; 7 — компрессори пневматии тормозхо; 8 — мухаррик ва тачхилоти он; 9 — сутунчаи руль; 10 — куттии тахвил; 11 — наварди карданнии мобайни; 12 — такъяи мобайни; 13 — садогир; 14 — зарфхои хаво барои тормози пневмати; 15 — наварди карданнии асосй; 16 — сипари автомобиль; 17 — пули акиб; 18 — рессораи акиб; 19 — рессораи иловаги; 20 — зарфи сузишвори; 21 — чанбараки тормози дасти; 22 — батареи аккумуляторхо; 23 — бандиш; 24 — рессораи пеш



Ба мақ. Автомобиль.



Ба мак. Автомобиль. 1. ЗИЛ-111 «Чайка»; 2. ГАЗ-М24 «Волга»; 3. ВАЗ-2103 «Жигули»; 4. «Москвич-412»; 5. ЗАЗ-966 «Запорожец»; 6. УАЗ-469; 7. ГАЗ-66; 8. ЛАЗ-699; 9. БелАЗ-548.

АЛОМАТҲОИ ШАРТИИ ИЛОВАГӢ ДАР НАҚШАИ ШАҲРҲО

———	Ҳудуди шаҳрҳо	▫	Истеҳкомҳо
МОНМАРТР	Номи районҳои шаҳр	+	Калисоҳо ҷомеъ ва дайрҳо
▫	Вокзалҳо ва станцияҳои роҳи оҳан		Масҷидҳо
↑	Аэродромҳо ва аэропортҳо		Маъбадҳои буддой
	Стадионҳо		Қабристон
	Доҳҳо ва мавҷшиканҳо		Боғҳои истироҳатию чорбоғҳо

И Х Т И С О Р О Т И Х А Р И Т А Ҳ О

ат	атолл	нимҷаз	нимҷазира	РХМ	Республикаи Халқии Мугулистон Димоғ
бал	баланд	обомб	обанбор		
ВИЛ	Вилоят	ОКР	округ	ун-т	университет
ВА	вилояти автономӣ	ост.	остона	хол.	халиҷ
вкз	вокзал	РЕСП.	республика	шарш.	шаршара
вул	вулқон	РАСС	республикаи автономии советии социалистӣ	Ш	Шарқӣ
галчаз	галачазира			Шим	Шимолӣ
гул	гулӯғоҳ	РАҶ	Республикаи Африкаи Ҷанубӣ	Г	Ғарбӣ, Ғарб
дим	димоға	РДГ	Республикаи Демократии Германия	каторкӯҳ	каторкӯҳ
кан	канал	РМА	Республикаи Миср Араб	к	қулла
кВт	киловатт	РФГ	Республикаи Федеративии Германия	кур	қӯруқ
км	километр			хаз	ҳазор
(кур)	курорт			чаз	ҷазира
к	кӯҳ	РХДЯ	Республикаи Халқии Демократии Яман	чаз-ҳо	ҷазираҳо
лим	лиман			Ҷ	Ҷанубӣ, Ҷануб

АЛОМАТИ АЗОНИ КАДОМ ДАВЛАТҲО БУДАНИ ТЕРРИТОРИЯҲО

(Австрал.)	азони Австралия	(Нид.)	азони Нидерланд
(Араб Сауди)	азони Арабистони Саудӣ	(Норв.)	азони Норвегия
(Арг.)	азони Аргентина	(Порт.)	азони Португалия
(Браз.)	азони Бразилия	(РАҶ.)	азони Республикаи Африкаи Ҷанубӣ
(Брит.)	азони Британияи Кабир	(РФГ)	азони Республикаи Федеративии Германия
(Венес.)	азони Венесуэла	(РХДЯ)	азони Республикаи Халқии Демократии Яман
(Ге Экв.)	азони Гвинеяи Экваторӣ	(Турк.)	азони Туркия
(Гондур.)	азони Гондурас	(Филипп.)	азони Филиппин
(Дан.)	азони Дания	(Фр.)	азони Франция
(Зел Нов)	азони Зеландияи Нав	(Хит.)	азони Хитой
(Индонез.)	азони Индонезия	(Швец.)	азони Швеция
(Исп.)	азони Испания	(ШМА)	азони Штатҳои Муттаҳидаи Америка
(Ит.)	азони Италия	(Югосл.)	азони Югославия
(Кан.)	азони Канада	(Юн.)	азони Юнон
(Колумб.)	азони Колумбия	(Яп.)	азони Япония
(Мекс.)	азони Мексика	(Ҳинд.)	азони Хиндустон

БАЪЗЕ ИХТИСОРАҲО ДАР ХАРИТАҲОИ ҲАРБИИ ТАЪРИХӢ

Алоҳ.	алоҳида	дм	дивизияи моторикунонидашуда
А	армия	дп	дивизияи пиёда
АЗ	армияи зарбазан	дпб	дивизияи пиёдаи баҳрӣ
АП	армияи парашютӣ	д. тан	дивизияи танкӣ
АС	армияи савора	дта	дивизияи танкҳои зиреҳпӯш
АТ	армияи танкӣ	дт	дивизияи тирандозӣ
АҲ	армияи қавӣ	дтм	дивизияи тирандозии моторӣ
б, б-н	батальон	наз	назаҳҳо
бт	батальони тирандозӣ	к, кор	корпус
бр	бригада	на	корпуси армия
брад	бригадаи авиадесантӣ	км	корпуси механикунонидашуда
брти	бригадаи тирандозии моторӣ	к тан	корпуси танкӣ
брт	бригадаи тирандозӣ	кт	корпуси тирандозӣ
бр. тан	бригадаи танкӣ	ММ	миниталаи мудофиавӣ
брпд	бригадаи ҷӯшуми пиёда	ММН	миниталаи мустақиламмарзашуда
Гв., гв	гвардиягӣ	О. Отр., отр	отряд
г	гурӯҳ	п, п-н	полк
гсм	гурӯҳи саворан механикунонидашуда	пм	полки механикунонидашуда
Г. тан	гурӯҳи танкӣ	пт	полки тирандозӣ
десант	десант	СФО	Сарфармондеҳи Олӣ
див, д	дивизия	ФББ	Флоти Баҳрӣ-сурвадори Балтика
дад	дивизияи авиадесантӣ	фқ	флоти қавӣ
дас	дивизияи асвараони савора	Эск	эскадрон
ддц	дивизияи десанти қаъса	ҚЗ	қушуни эҳтиёт

(Аҳмади Атъима, Қории Яздӣ, Савдо ва ғ.) таъсир расонидааст.

Ад.: Мирзоев А., Абӯнасҳоқ ва фаъолияти адабии ӯ, Д., 1971.
Ч. Додалишоев.

АБӮКОМИЛИ МИСРӢ ابوكامل المصرى Шуҷоъ ибни Аслам ибни Муҳаммад (тақр. 850—930), математики араб, нахустин риёзидоне, ки баъд аз Муҳаммади Хоразмӣ доир ба алгебра рисола навиштааст. Рисолаи ӯ «Китоб ул-ҷабр ва-л-муқобала», ки дар Европа, дар асрҳои миёна ба забонҳои испанӣ, лотинӣ тарҷума шудааст, ба инкишофи алгебра дар Шарқу Ғарб таъсири калон расондааст. Як нусхаи дастхати арабии он дар Истамбул, нусхаи диг. рисолаи арабии А. М. «Китоб тароиф фӣ-л-ҳисоб» («Ачоиботи ҳисоб»), ки ба ҳалли муодилаҳои номуайян бахшида шудааст, дар Лейден маҳфуз аст.

АБӮМАНСӮР ҲУСАЙН ابومنصور حسين ибни Тоҳир маъруф ба Ибни Зайла (с. тав. номаълум — ваф. 1047, Ҳамадон), олим, нависанда ва мусиқишиноси форс-тоҷик. Дар илмҳои риёзиёт, фалсафа, ҳадис ва тиб таълифоти зиёд дорад, ки «Ал-ихтисор мина-т-табиёт-иш-шифо», «Шарҳи Ҳай ибни Яқзон» аз ҷумлаи онҳост. Асари назарии ӯ «Китоб-ул-кофӣ фӣ-л мусиқӣ» дар пайравии «Рисолаи мусиқӣ»-и Ибни Сино таълиф шудааст. Асар аз 3 фасл иборат аст: фасли аввал дар бораи нағма ва шароити ба миён омадани он, фаслҳои дуюм ва сеюм аз иқоъ (зарбҳои мусиқӣ) ва алҳон (оҳангҳои мусиқӣ) баҳс менамоянд.

АБӮМАНСӮРИ МУВАФФАҚ ابومنصور موفق ибни Алии Ҳиравӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), нависанда ва донишманди а. 11 форс-тоҷик. Китоби «Ал-абния ан ҳақоиқ ил-адвия» аз муҳимтарин осори ӯст, ки с. 1056 ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст. Муаллиф дар ин китоб 585 навъи доруворро мавриди тадқиқ қарор додааст. Асари мазкурро *Асадии Тӯсӣ* китобат намудааст.

АБӮМАЪШАРИ БАЛХӢ ابومعشر بلخى ибни Муҳаммад ибни Умар (с. тав. номаълум — ваф. 886), мунаҷҷим. Дар Европа машҳур бо номи Абӯмасар. Бино ба маълумоти баъзе маъхазҳо А. Б. бештар аз 100 сол умр дидааст ва зиёда аз 30 асар таълиф намудааст. «Мадхал ила илми аҳком ин-нуҷум» («Мадхали илми ҳукми нуҷум») ном асари ӯ дар Европа машҳур буд. Нусхаи хаттии асари ӯ «Мухтасар дар илми нуҷум», ки оид ба астрология аст, дар Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Ӯзб. маҳфуз аст.

АБӮМАҲМӮДИ ХУҶАНДӢ ابومحمود خجندى Ҳомид ибни Хизр (с. тав. номаълум, Хуҷанд — ваф. тақр. 1000, Рай), астроном ва математики тоҷик. А. Х. фаъолияти илмиро дар Бағдод, баъд то охири умр дар ш. Рай давом медиҳад. А. Х. ихтироъкори асбобҳои астрономии *секстант* (судс) ва *устурлоб* буд. Беруниӣ дар «Китобу таҳдиди ниҳоёт-ил-амокин ли тасҳеҳ масофот-ил-масокин» («Геодезия») зикр кардааст, ки А. Х. дар устурлоб ва диг. олоти расадӣ ягонаи аср буд. Ӯ доир ба математика ва астрономия бисьёр асарҳо таълиф карда бошад ҳам, аксари онҳо то давраи мо нарасидаанд. Аз осори ӯ «Фӣ ъумол-ил-олот ил-омма» («Тарзи истифодаи асбобҳои умумии астрономӣ») дар Оксфорд, «Рисола фӣ-тасҳеҳ-ил-майл ва арз-ил-балад» («Рисола дар тасҳеҳи майл ва арзи кишвар») дар Бейрут ва «Қонун-ул-ҳайъа» дар Қоҳира маҳфуз аст. А. Х. барои муайян кардани майли эклиптика, вазъи нуқтаи эътидоли баҳорӣ, давомати соли тропикӣ ва ғ. судс сохт, ки ҳоло дар илм бо номи Секстанти Фахрӣ маъруф аст (зеро ба Фахруддавлаи Дайламӣ бахшида буд). Он ба шашьяки доира (60°) баробар буда, ба дараҷа, дақиқа ва сонияҳо тақсим шудааст. Радиуси он тақрибан 43 метр буд. Секстант дар қуллаи кӯҳи Табраки назди ш. Рай гузошта шуда буд. А. Х. бо асбоби худ с. 994 бори аввал майли эклиптикаро (23° 32′ 21″) чен кард. Агар ин бузургиро аз рӯи формулаи астрономи америкоӣ Ньюком (1835—1909) ҳисоб кунем, қимати 23° 34′ 13″ — ҳосил мешавад, ки ҳамагӣ 1′ 51″,7 фарқ мекунад. Асбоби асосии расадхонаҳои Мароға (а. 13), Самарқанд (а. 15) ва Ҷайпур (а. 17) секстант буд, ки дар асоси тимсоли Судси Фахрӣ сохта шудааст. Астрономи машҳури расадхонаи Самарқанд *Ҷамшеди Кошонӣ* сохт ва тарзи истифодаи ин асбобро дар «Рисола дар шарҳи олоти расадӣ» ном асараш шарҳ дод. Бирҷандӣ (ваф. 1529) дар «Шарҳи бист боби устурлоби Тӯсӣ» асбобҳои астрономии Шарқро таҳлил карда, Секстанти Фахриро дар ҷои аввал меҷузорад.

А. Х. дар инкишофи назарияи тригонометрияи сферавӣ ва ҳалли муодилаҳои номуайян низ саҳми босазое гузоштааст. Чунончи, вай решаи бутун надоштани ҳалли муодилаи $x^3 + y^3 = z^3$-ро нишон додааст, ки он ҳолати хусусии *теоремаи Ферма* $x^n + y^n = z^n$ мебошад. Бо ҳамкории муоспронаш шакли умдаи теоремаи синусҳо $\frac{\sin a}{\sin A} = \frac{\sin b}{\sin B} = \frac{\sin c}{\sin C}$-ро ҳосил кардааст.

АБӮМУСЛИМ ابومسلم (727—755), сардори шӯриши зидди *Умавиён* дар Хуросон. Аз оилаи деҳқон. Мувофиқи баъзе маълумотҳо дар овони ҷавонӣ ғулом буд. Ба ташкилоти махфии тарафдорони хонадони *Аббосиён* дохил гардида, с. 747 ба ноҳияи Марв барои сарварии шӯриши муқобили Умавиён фиристода шуд. А. сиёсатмадор ва ташкилотчии моҳир буд. Ба шӯриш тайёрии хуб дида, деҳқонони Эрон, ғуломони гурезаи баъзе қабилаҳои арабро ҷалб кард. Дек. 747 — янв. 748 Марв, Нишопур ва Тӯсро ишғол намуд, с 749 ба Умавиён дар назди Наҳованд шикаст дода, аввалҳои с. 750 ғалаба ба даст овард. Баъди ба сари ҳокимият омадани Аббосиён А. ба сифати волӣ дар Хуросон монд. Обрӯю эътибори А. дар байни халқ рӯз ба рӯз меафзуд. Ҳукуматдорони марказ аз ин ҳол ба ташвиш омаданд. С. 755 халифа *Мансур* А.-ро ба дарбори худ таклиф кард ва аҳдшиканона кушт. Тафсилоти шӯриш ва оқибати кори А. бо обу ранги бадеӣ дар *«Абӯмуслимнома»* тасвир шудааст.

АБӮМУСЛИМИЯ ابومسلمية ҳаракати тарафдорони *Абӯмуслим* ба муқобили Умавиён. Байрақ ва либоси шӯришгарон сиёҳ буд. Онҳо даъво мекарданд, ки сардори давлати мусулмонӣ аз авлоди Муҳаммад бошад.

«АБӮМУСЛИМНОМА» ابومسلم نامه қиссаи паҳлавонии насри ривояти буда, аз тарафи қиссахони номаълуме дар а-ҳои 11—12 таҳрир шудааст. Қаҳрамони асосии он *Абӯмуслими* Хуросонист, ки аз байни халқ баромада, ба шӯриши зидди хилофати Умавиён (747—750) роҳбарӣ кардааст. Халқ дар бораи ӯ қиссаю ривоятҳои зиёд ба вуҷуд овард. Он ҳикоятҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, бо мурури замон пухтаву мукаммал шуда, ниҳоят, ба шакли китоб даромаданд. Дар асар муборизаи аҳолии гуногунтоифаи Хуросон бар зидди хилофати Умавиёни араб бо сабки пуриғроқи қиссапардозон тасвир ёфтааст. Бештарини қаҳрамонони «А.» мардуми оддии шаҳру деҳот: оҳангар, қассоб, бирьёнгар, харрот, гилкор мебошанд. Дар «А.» саҳнаҳои қаҳрамонию далерӣ, чолокиву айёрӣ ва манзараҳои маишии ҳаёти мардум инъикос ёфтаанд. Дар китоб ақидаҳои мазҳабии таснифкунандагон роҳ ёфта, ба амалиёти персонажҳои асар оҳанги динӣ бахшидаанд. Нусхаҳои «А.» хеле бисьёр буда, ҳар яке аз ҷиҳати ҳаҷм, сабк ва мундариҷаю ғоя аз ҳам фарқ мекунанд.

Ад.: Арабский аноним XI в., М., 1960.
Ю. Салимов.

АБӮНАСРИ МАНСӮР ابونصر منصور ибни Алӣ (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 1036), астроном ва математики хоразмӣ. Устоди аввали Абӯрайҳони Беруниӣ. Бахшида ба шогирдаш дар боби астрономияю математика 12 рисола таълиф намудааст. Ба қавли Умари Хайём «риёзидони бузурги даврон» буд. Дар Хоразм бо Ибни Сино, Абӯсаҳли Масеҳӣ, Абулхайри Хаммор ва Абӯрайҳони Беруниӣ ҳамкории илмӣ дошт. Доир ба тригонометрия ва астрономия чанд асар менависад, ки «Алмаҷастӣ аш-шоҳӣ» («Алмаҷастии шоҳӣ»), «Рисола фил-устурлоб» («Рисола доир ба устурлоб») аз қабили онҳост. Ба асарҳои олимони Юнони Қадим Менелай ва Евклид шарҳ навиштааст.

АБӮНАСРИ ФАРОҲӢ ابونصر فراهی Бадруддин ибни Абӯбакр ибни Ҳусайн ибни Ҷаъфар (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва донишманди а. 11 форс-тоҷик. Мероси адабиаш пурра боқӣ намондааст. Фарҳанги манзуми арабӣ-форсии А. Ф. «Нисоб-ус-сибьён», ки бо супориши *Низомулмулк* тасниф гардидааст, боиси ба вуҷуд омадани шарҳҳои зиёде гардид. Аз ҷумла Мирсаид Шарифи Гургонӣ, Ҳиссоми Ҳиравӣ, Фасеҳи Даштибаёзӣ, Луғавии Яздӣ, Муҳаммадризои Қуммӣ ба «Нисоб-ус-сибьён»-и А. Ф. шарҳ навиштаанд.

АБӮНАСРИ ҚУБОВӢ ابونصر قباوی Аҳмад ибни Наср (с. тав. ва ваф. номаълум), адиб, тарҷумон ва муаррихи а. 12 форс-тоҷик. Баъзе муҳаққиқон ӯро Бухорой гуфтаанд. А. Қ. асари муаррихи а. 10 Наршахиро бо унвони «Таърихи Бухоро» с-ҳои 1128—29 аз забони арабӣ бо андаке ихтисор тарҷума карда, доир ба таърихи Қарахониён ва давраи минбаъдаи таърихи Осиёи Миёна то с. 1128 хеле иловаҳои муҳим дохил намуд. Нусхаҳои ин асар дар фонди дастхатҳои китобхонаи ба номи Фирдавсӣ, Ин-ти шарқшиносии АФ Тоҷикистон, инчунин дар китобхонаҳои Тошкент, Москва, Ленинград маҳфузанд. Матни тарҷумаи А. Қ. дар шакли мухтасар ба табъ расидааст. *А. Билолов.*

АБӮНУВӮС ابونواس (тахал., номи аслиаш Ҳасан ибни Ҳонӣ; 762, Аҳвоз — 813, Бағдод), шоири эронинажоди араб. Аз оилаи камбағал. Дар хурдӣ ба Басра, Миср, Димишқ сафар карда, баъд ба Бағдод, ба дарбори халифаҳои Аббосӣ—Ҳорунарраши д ва писари ӯ Амин меояд ва қисми зиёди умраашро дар ин ҷо мегузаронад. А. тарафдори *шуубия* буда, аз хилофати араб озод шудани Эронро тарафдорӣ мекард. Фаъолияти адабиаш бо қасидаҳои мадҳӣ сар шуда, баъдтар жанрҳои анъанавии назми араб ва ҳадисҳои динияро ҳаҷв кардааст. Аз ин сабаб А. бо фармони Амин ба ҳабс гирифта мешавад. Тавсифи ишқу ошиқӣ, бодаю соғар, шикор ва ҳаҷву маҳака дар эҷодиёти А. мавқеи калон дорад. Эрон ва анъанаҳои маданияти доманадори он сарчашмаи илҳоми шоир гардидаанд. Номҳои қаҳрамонони таърихӣ, фольклорӣ, тасвири урфу одат ва анъанаҳои зардуштӣ дар ашъори А. бештар дучор мешаванд. А. дар эҷоди шаклҳои гуногуни шеърӣ маҳорати хуб дошта, асосгузори жанри *хамриёт* мебошад. Ашъори боқимондаи А. дар ҳудуди 12 ҳазор байт буда, асосан аз мадҳия, марсия, ҳаҷвия, хамрия, тардия (дар бораи шикор) иборат аст. А. шоири шӯхтабъ, навовар ва зиндадил буд. Дар бораи А. латифаҳои зиёде гуфта шудааст. Девони А. с. 1962 дар Бейрут ба забони араби ва с. 1955 дар Вена ба забони немисӣ чоп шудааст. *К. Мусофиров.*

АБӮСАИД ابوسعید (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими Самарқанд (1530—33), писари Кӯчкинчихон аз сулолаи Шайбониён, бародари Абдуллоҳхони I. Бо супориши А. дар ҷануби Регистони Самарқанд мадрасаи кабудгунбази «Чилдухтарон»-ро бино кардаанд, ки дар он Кӯчкинчихон бо се писараш, аз ҷумла А. ва се наберааш дафн шудаанд. Ҳоло санги мармари ниҳоят зебои сари қабри А. дар музеи Самарқанд буда, яке аз намунаҳои санъати нафиси ҳаккокӣ ва хаттотии а. 16 ба шумор меравад. *А. Мухторов.*

АБӮСАИД МАХДУМ ابوسعید مخدوم (с. тав номаълум — ваф. 1910, Самарқанд), кишваршинос ва хаттоти тоҷик, ҷамъоварандаи осори атиқа. Аз оилаи мударрис. Аз ҷавонӣ ба таъриху маданияти халқҳои Шарқ шавқи зиёде дошт. Дертар бо шарқшиносони рус Н. И. Веселовский, А. А. Семёнов, В. В. Бартольд, В. Л. Вяткин шинос шуд ва ҳамкорӣ кард. А. М. барои Н. И. Веселовский асари Абӯтоҳирхоҷа —«Самария»-ро рӯйбардор кард, ки тарҷумаи русии он с. 1899 аз чоп баромад. Барои музеи маданияти Осиё (Москва) васиқаҳо, ҳуҷҷатҳои давлатӣ, ваҚфнома ва ғ. гирд овард. Ба В. Л. Вяткин барои муайян кардани ҷои расадхонаи Улуғбек ёрӣ расонида, с-ҳои 1908—09 дар ҳафриёти он иштирок кард. *А. Валиев.*

АБӮСАИД МИРЗО ابوسعید میرزا (с. тав. номаълум — ваф. 1469), ҳокими Мовароуннаҳру Хуросон (1451—69), абераи *Темур*, набераи *Мироншоҳ*. Овони ҷавониаш дар дарбори Улуғбек гузашт. Ба муқобили Улуғбек ва писаронаш барои тахт муборизе бурда, с. 1451 Самарқандро ишғол кард. Дар аҳди А. М. дар Самарқанд иртиҷои динӣ бо сардории *Хоҷа Аҳрори Валӣ* ба авҷи баланд расид. А. М. с. 1457, баъди вафоти Абулқосими Бобур, Ҳиротро ишғол кард. Дар ибтидои с. 60-ум Мовароуннаҳру Хуросонро муттаҳид намуд. С-ҳои ҳукмронии А. М. асосан дар муборизе ба муқобили шоҳзодагони темурӣ дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм гузашт. А. М. с. 1468 ба Эрони Ғарбӣ, ки аз тасарруфи Темуриён баромада буд, лашкар кашид ва с. 1469 дар муҳориба бо Мирзо Ҷаҳоншоҳи Оққуюнлу ҳалок гардид. Писараш Султонаҳмад соҳиби тахти падар шуд. Дар аҳди А. М. дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳунармандӣ, савдо ва бо мамлакатҳои ҳамсоя равобити тиҷоратӣ, сиёсӣ ва маданӣ ривоҷ ёфт.

Ад.: Бартольд В. В., Улугбек и его время, Соч., т. 2, ч. 2, М., 1964; История таджикского народа, т. 2, кн. 1, М., 1964. *А. Мухторов.*

АБӮСАИДИ МАҲНАӢ ابوسعید مهنی Фазлуллоҳ ибни Абулхайр (967—1049, Хуросон), шоир, мутафаккир, яке аз пешвоёни *тасаввуф*. Асари наберааш Ибни Мунаввар «Асрор-уттавҳид фи мақомоти шайх Абӯсаид» ягона сарчашмаи омӯзиши осор ва афкори А. М. мебошад. А. М. дар рубоиёти худ баробари фикру андешаҳои фалсафӣ-тасаввуфӣ, дӯстӣ, сидқу вафо, ростӣ, поквичдонӣ ва диг. хислатҳои неки инсониро тарғиб намудааст. А. М. бо Ибни Сино мукотибаи доимӣ дошт. Ақидаҳои А. М. ба осори мутафаккирон Абулмаҷди Саной, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Румӣ таъсири зиёде гузоштааст ва онҳо ӯро ба некӣ ёд кардаанд. *А. Муҳаммадхоҷаев.*

АБӮСАИДИ САНҶАРӢ ابوسعید سنجری Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуҷалил (с. тав. номаълум — ваф. 1036), астроном ва математики а. 10. Бо Аҳмад ибни Саффорӣ ва Иззуддавлаи Дайламӣ ҳамзамон буда ва бо онон робитаи илмӣ доштааст. Аз осори боқии ӯ «Ҷомеи Шоҳӣ», «Таҳсил-ул-қавонин» («Тартиб додани қонунҳо»), «Зоиҷот ул-кавокиб» («Зиҷи ситораҳо»), «Таҳсил қавонин ил-ҳандаса ал-маҳдуда» («Ба вуҷул овардани қонунҳои муайяни геометрӣ»), «Китоб фӣ масоҳат ил-кура», («Китоб дар бораи масоҳати кура») маълуманд.

АБӮСАИДИ СИҶЗӢ ابوسعید سجزی ибни Муҳаммад ибни Абдуҷалил (тақр. 951—1024), геометр ва астрономи Сиҷистонӣ. Асарҳои А. С. бештар ба шаклсозиҳои геометрӣ, буришҳои конусӣ, вобастагии гипербола ба асимптотаҳояш, трисекцияи кунҷ, масъалаҳои астрономия ва ба сохти афзори астрономӣ бахшида шудаанд. Қариб 30 рисолаи А. С. то давраи мо расидааст, ки дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон маҳфузанд. «Рисола фӣ васф ил-кутуъ ил-махрутия» («Рисола дар васфи буришҳои конусӣ»), «Китоб таркиб ил-афлок», («Китоб роҷеъ ба таркиби фалакҳо»), «Китоб мизоҷот ил-кавокиб» («Китоб дар бораи мизоҷи ситораҳо») аз ҷумлаи онҳоанд. Асарҳои А. С. дар инкишофи математикаи Шарқ роли муҳим бозида, ба пешрафти математикаю астрономияи Европа таъсир расондаанд.

АБӮСАЛИК, ниг. *Буслик.*

АБӮСАЛМО ابوسلمی (тахал., номаш Абдулкарими Қарма; с. тав. 1910, Фаластин), шоир ва ходими ҷамъиятии араб (Урдун). Баъди тақсимоти Фаластин (1947) ба Димишқ омада, ба адвокатӣ ва дар мактабҳои миёна ба таълими забон ва адабиёти араб машғул мешавад. Аъзои Комитети миллии тарафдорони сулҳ ва Ҷамъияти дӯстии Иттифоқи Советӣ ва араб. Сардори ҳайати вакилони Урдун дар съезди 3-юми нависандагони араб (1957) дар Қоҳира ва конференцияи нависандагони мамлакатҳои Осиё ва Африка дар Тошкент (1958). Муаллифи маҷмӯаи «Овора» (1953), ки дар он тақдири арабҳои фирории Фаластин ва муборизаи халқҳои араб бар зидди империализм тасвир ёфтааст. «Бағдод»

(1958) ва «Забонаи оташ дар фазои Урдун» аз машҳуртарин қасидаҳои А. мебошанд, ки ба воқеаҳои сиёсии Ироқ ва Урдун бахшида шудаанд.

АБӮСУЛАЙМОНИ МАНТИҚӢ ابوسلیمان منطقی Муҳамад ибни Соҳир ибни Баҳром ас-Сичистонӣ (912—985), файласуф ва мантиқшинос, ҳамасри Абӯнасри Форобӣ. Дар Бағдод таҳсил кардааст. Ба таҳқиқи масъалаҳои фалсафии нафс, фикр, илҳом, қидам ва ҳудуси олам машғул шудааст. А. М. кӯшиши *Ихвонус-сафоро* дар бобати омехтану оштӣ додани фалсафа ва дин бесамар меш-уморад. А. М. дар шарҳу тафсири китобҳои *Арасту* рисола навиштааст. «Рисолат фӣ-л-муҳаррик-ил-аввал» («Рисола дар бораи муҳаррики аввал»), «Мақолат фӣ-табиати-ил-аҷром ил-улвият» («Мақола доир ба табиати ҷирмҳои осмонӣ»), «Мақола фӣ-л-камол-ил-хос би-навъ-ил-инсон» («Мақола дар бораи камоли хоси навъҳои инсон») асарҳои муҳимтарини ӯ мебошанд. *К. Беков.*

АБӮТАММОМ ҲАБИБ ابوتمام حبیب (796, деҳаи Ҷосими назди Димишқ—843, Мавсил), шоир ва ҷамъоварандаи назми қадими араб. Аз оилаи насроний. Пас аз қабули ислом худро ба қабилаи Тай нисбат медиҳад. Ба Димишқ, Миср, Ироқ сафар карда, чанд соли ҳаёти худро дар дарбори халифа Мӯътасим меғузаронад. Девони А. аз қасида, марсия, ҳаҷвиёт иборат аст. Вай беҳтарин намунаҳои ашъори пешазисломӣ ва исломии то замони Аббосиёнро ҷамъ намуда, 7 таҳкиро тартиб додааст. Аз он ҷумла «Китоб ул-ҳамса» ва «Ихтиёр-уш-шуаро ал-фуҳул» — мунтаҳаби қасоиди шоирони давраи пешазисломӣ ва исломист, ки то замони мо расидааст. Дар таъриҳи назми араб А. ҳамчун асосгузори ҷараёни рационалӣ маъруф аст.

АБӮТОҲИРХОҶА ابوطاهر خواجه Мир Абӯтоҳир ибни Абӯсаиди Садри Самарқанди (с. тав. ва ваф. номаълум), муаррих, шоир ва табиби а. 19 тоҷик. Аз А. асарҳои «Самария», «Ахлоқи Музаффарӣ» ва «Ахлоқи Муҳаммадӣ» боқӣ мондаанд. Муҳимтарин асари таъриҳии А. китоби «Самария» аст, ки с-хои 30-юми а. 19 таълиф шудааст. Китоб аз сарсухан ва 11 боб иборат буда, муаллиф воқеаҳои таъриҳиеро, ки дар Самарқанд ва вилояти он аз даврае қадим то а. 19 рӯй додаанд, баён намудааст. Асарро Н. И. Веселовский (1899) ва В. Л. Вяткин (1904) ба забони русӣ тарҷума кардаанд. «Ахлоқи Музаффарӣ» оид ба ҷаҳонбинӣ ва кору рафтори амир Музаффар фикр меронад. «Ахлоқи Муҳаммадӣ» дар бораи пайғамбар ва ахлоқи мусулмонӣ баҳс менамояд. *Н. Косимов.*

АБӮТУРОБИ ИСФАҲОНӢ ابوتراب اصفهانی маъруф ба Туробо (1611—12, Исфаҳон — 1694—95 ҳамон ҷо), хаттот. Таълими хатро аз Миримод гирифтааст. Ӯ дар навиштани настаълиқ нодири замон ва мулаққаб ба «Раисулхаттотин» буд. Як нусхаи «Сабҳат-ул-аброр»-и Ҷомӣ ба хати ӯ китобат шудааст. Намунаҳои хати А. И. дар китобхонаи шоҳаншоҳии Эрон маҳфузанд.

АБӮШАКУРИ БАЛХӢ ابوشکور بلخی (тав. 915 — ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик, аз ҳамасрони Рӯдакӣ. А. Б. ба туфайли достони *«Офаринно-ма»* (947) шӯҳрат ёфт. Саид Нафисӣ ҳангоми ҷустуҷӯи осори ҳамасрони Рӯдакӣ аз тазкираву фарҳанг ва диг. сарчашмаҳои адабӣ бештар аз 500 байти ӯро ёфта, боварӣ изҳор кардааст, ки А. Б. ба замми «Офаринно-ма», ки дар вазни мутақориб аст, боз се достони дигар (дар вазнҳои ҳазаҷ ва хафиф) низ доштааст. Дар ашъори А. Б. аз ҳаёт ва ишқ, тақдири инсон ва илму омӯзиш баҳс меравад. Забони ашъори А. Б. равону содда аст. Бисьёре аз абьёти ӯ ба араби тарҷума шуда будаанд.

АБӮҲАНИФАИ ДИНОВАРӢ ابوحنیفه دینوری (тақр. 815—895), адиб ва муаррихи арабизабони форс-тоҷик. Доир ба илмҳои география, астрономия, математика ва ботаника низ таълифот дорад. «Китоб-уш-шеър в-аш-шуаро» ва «Китоб-ул-фасоҳат» аз ҷумлаи таълифоти адабии ӯст. А. Д. дар асари серҷилдаи худ «Китоб-ун-набот» миқдори зиёди ашъори шоирони арабро роҷеъ ба гиёҳҳо дохил кардааст. «Китоб-ул-ахбор-ит-тиво»-и ӯ яке аз намунаҳои барҷастаи насри классикии араб буда, то замони мо пурра расидааст. Матни онро с. 1888 олими рус В. Ф. Гиргас дар Лейден ба табъ расонда буд.

АБӮҲАФСИ СУГДӢ ابوحفص سغدی Ҳаким Абӯҳафс ибни Аҳвас (с. тав. номаълум — ваф. 832), шоир, мусиқишинос ва луғатшиноси форс-тоҷик. Ӯ аз ҷумлаи аввалин шоиронест, ки шеъри дарӣ сурудаанд. Аз ашъори А. С. як байт боқӣ мондааст, ки ин аст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо.

Мувофиқи маълумоти Абӯнасри Форобӣ асбоби мусиқии *шаҳруд* аз ихтироати А. С. будааст. Инчунин, бино бар ахбори сарчашмаҳои адабӣ ӯ бо унвони «Фарҳанги Абӯҳафс» ё «Рисолаи Абӯҳафс» луғати тафсирии тоҷикӣ низ доштааст, ки то замони мо нарасидааст.

Ад.: Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958.

АБӮҲОТАМИ СИҶИСТОНӢ ابوحاتم سجستانی Саҳл ибни Муҳаммад (с. тав. номаълум — ваф. 869), арӯзӣ ва луғатшиноси эронинажоди араб. Ривоят мекунанд, ки А. С. 97 асари илмию адабӣ таълиф кардааст. Мутаассифона, аксари онҳо нобуд шудаанд. Асарҳои боқимондаи ӯ — «Ал-ҳашарот», «Ҳалк-ул-инсон», «Ал-вуҳуш», «Ан-нахла» (1887 ба табъ расидааст) асосан дар бораи луғатанд. Асари таъриҳии А. С.— «Ал-муаммирин» ба тазкира монанд буда, дар бораи 110 нафар шоир, ҷанговар ва сардорони қабилаҳои пешазисломии араб маълумот медиҳад.

АБӮҶАҲФАРИ ХОЗӢН ابوجعفر خازن Муҳаммад ибни Ҳусайни Хуросонӣ (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 965), математик ва астрономи форс-тоҷик. Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ва Насируддини Тӯсӣ дар «Шакл-ул-қитъа» аз асарҳои астрономии А. Х. сухан рондаанд. Аз осори математикии ӯ танҳо «Шарҳ-ул-мақола-ал-ошира мин китоб Уқлидус» («Шарҳи мақолаи даҳум аз китоби Евклид») боқӣ мондааст, ки чанд нусхаи хаттии он дар китобхонаҳои Париж, Берлин, Лейден, Истамбул маҳфузанд. Хайём дар «Алҷабр ва ал-муқобала» қайд мекунад, ки А. Х. бори аввал муодилаҳои кубии навъи $x^3 + a = cx^2$-ро бо ёрии буришҳои конусӣ ҳал намудааст. Инчунин «Китоб зиҷ ис-сафоиҳ» («Китоби зиҷи сатҳҳо»), «Китоб ул-масоил ил-ададиия («Китоби масъалаҳои ҳисоб») ном осори А. Х. дар таъриҳи илм маълуманд.

АБҲАРИ КӮҲӢН (ар. ابهر کهن абҳар — наргис, чашми зебо), номи оҳанг, пагма ва пардаи мусиқӣ, ки Борбади Марвӣ эҷод кардааст. А. К. аз силсилаи тарона ва оҳангҳои «Хусравонӣёт»-и Борбад буда, аз ҷиҳати хусусият ба гурӯҳи оҳангҳои наврӯзи мутааллиқ аст.

АБҲАРӢ ابهری Асируддин Муфаззал ибни Умари Самарқандӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1301, Туркия), файласуф, олим ва шоири а. 13 форс-тоҷик. Шарҳи ҳол ва зиндагии ононро кӯдакию наврасиаш маълум нест. Баъди истилои мугул ба Сурия ҳиҷрат кард ва чанд сол дар Димишқ зист. Баъд ба Туркия рафт ва то охири умр он ҷо монд. А. бо Насируддини Тӯсӣ аз рӯи масъалаҳои гуногуни фалсафӣ мукотиба доштааст. Асарҳои муҳимтаринаш инҳоанд: «Танзил-ул-афкор» («Нафъи фикрҳо»), «Кашф-ул-ҳақоиқ» («Кашфи ҳақиқатҳо»), «Исоғуҷӣ» — оид ба илми мантиқ; «Ишорот», «Маҳсул», «ар-Рисолат-уз-зоҳирату фӣ абтоли баъза мукаддимоти-ил-ҷадалиёт» («Рисола дар зоҳир кардани ботилҳои баъзе мукаддимаҳои диалектика»), муштамал бар ҳаждаҳ масъала, «Мабдаъ ва Маод» — доир ба фалсафа: «Китоби ҳидоя» — дар мавзӯъҳои илми табиатшиносӣ ва фалсафа; «Мухтасари илми ҳайъат», «Рисолаи устурлоб», «Зиҷи ихтиёрӣ» — доир ба астрономия.

А. моддаву сурат, ҳаракату замон, ҳалову макон, таносуби ҳиссу ақл, ҳад, расм, қазия, қиёс ва бурҳон баъзе масъалаҳои фалсафаву мантиқро мавриди баҳс қарор додааст. Дар ҳалли масъалаҳои фалсафи байни фалсафаи машшоъ (ниг. *Машшоия*) ва калом мекалавид. Чуноначи, офаринишро оламро қоил бошад ҳам, он-

ро баробари худо азалию абадӣ медонист. А. роли ҳиссу ақлро дар ҷараёни маърифат баланд бардошта, донисташаванда будани оламро эътироф мекард. Девони ашъорашро мураттаб сохта буд, ки се ҳазор байтро дар бар мегирифт. Дар рубоисарой анъанаи Умари Хайёмро давом додааст.

Ад.: Динаршоев М., Философия Насириддина Туси, Д., 1968.
М. Динаршоев, М. Султонов.

АБҲИНАВАГУ́ПТА (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир, назариётчии адабиёт ва санъати а-ҳои 10—11 ҳинд. Дар асарҳои муҳимтаринаш «Дҳваньялокалочана» (тафсири асари муаллифи а. 9 *Анандавардҳана* оид ба илми шеър) ва «Абҳинавабҳарати» (тафсири асари Бҳарата оид ба санъати театрӣ) назарияи дҳванӣ ва росаро инкишоф додааст. Мувофиқи назарияи дҳванӣ матлаби муаллиф ва лаззати бадеии асар на дар маъниии зоҳирии образҳо, балки дар мундаричаи таҳтонии онҳо нуҳуфта мебошад. Роса — ба воситаи асари бадеӣ, рақс ё намоиши саҳнавӣ ба вуҷуд овардани кайфияти гуногуни рӯҳист. А. дар «Абҳинавабҳарати» усулҳои дар санъати драмавӣ татбиқ намудани ин назарияро кор карда баромадааст. Вай ҳамчун файласуфи мактаби веданта (таълимоти динӣ-фалсафии ҳиндӣ) низ маъруф аст.

Ад.: Серебряков И. Д., Древнеиндийская литература, М., 1963.

АБҶА́Д (ар. ابجد), 1) номи калимаи якум аз 8 калимаи ҳуруфи чумал. 2) Номи шартии 28 ҳарфи алифбои арабӣ, ки ба тартиби қимати ададиашон дар 8 калимаи маснӯъ гирд оварда шудаанд. Он 8 калима ин аст: абҷад (ابجد), ҳав(в)аз (هوز), ҳуттӣ (حطى), каламан (كلمن), саъфас (سعفص), қарашат (قرشت), сахаз (ثخذ), зазаг (ضظغ). Дар бораи маъно ва мафҳуми ин 8 калима дар фарҳангҳо ва китобҳои доир ба таъриҳ ақидаҳои мухталиф ва тахминие баён шудаанд, ки асоси илмӣ надоранд. Чунин тартиби ҳарфҳои арабӣ, аслан аз алифбои финикию оромӣ баромада, ададҳои муайянро ифода мекунад (ниг. ҷадвал).

Дар алифбои финикию оромӣ пас аз 400 барои ифодаи ададҳо ба ҳарфи тав (400) дигар ҳарфҳоро илова мекарданд. Мас.: тавқоф (500), тавреш (600), тавшин (700), тавтав (800), тавтавқоф (900) ва ғ. Арабҳо аз ин 8 калима 6-тои аввалро дар асоси алифбои финикию оромӣ тартиб дода, барои ба 1000 расонидани ифодаи ададии ҳарфҳо аз 6 ҳарфи арабӣ, ки дар алифбои финикию оромӣ вуҷуд надоштанд, ду калимаи охирин (сахаз, зазаг)-ро сохтанд. Ифодаи рақамии ҳарфҳо ба таври аз 1 то 10 яктой, аз 10 то 100 даҳтой ва аз 100 то 1000 садтой зиёд мешавад.

Ҳисоби А. дар замони қадим дар ёд нигоҳ доштани санаҳоро осон ва навишти онҳоро мухтасар мекард.

Алифбои қадими финикию оромӣ		Алифбои арабӣ		Қиматҳо ададиаш
шаклаш	номаш	шаклаш	номаш	
א	алиф	ا	алиф	1
ב	бет	ب	бо	2
ג	гимел	ج	чим	3
ד	далет	د	дол	4
ה	ҳе	ه	ҳо	5
ו	вав	و	вов	6
ז	зайн	ز	зо	7
ח	ҳет	ح	ҳо	8
ט	тет	ط	то	9
י	йод	ى	йо	10
כ	каф	ك	коф	20
ל	ламед	ل	лом	30
מ	мим	م	мим	40
נ	нун	ن	нун	50
ס	самех	س	син	60
ע	айн	ع	айн	70
פ	пей	ف	фо	80
צ	садэ	ص	сод	90
ק	қоф	ق	қоф	100
ר	реш	ر	ро	200
ש	шин	ش	шин	300
ת	тав	ت	то	400
		ث	со	500
		خ	ҳо	600
		ذ	зол	700
		ض	зод	800
		ظ	зо	900
		غ	ғайн	1000

Чун нуфузи ҳарфҳои арабӣ афзуд, математикҳо ва астрономҳо ҳам ишораи ададии ҳарфҳоро дар асоси он тартиб доданд, ки онро «ҳисоби мунаҷҷимон» ҳам меноманд. А. дар адабиёти классикии форс-тоҷик аз давраи пайдоиши худ (а. 12) барои сохтани моддаи таъриҳ истифода шудааст ва қоидааш он аст, ки шоир, нависанда ё муаррих барои ифодаи таъриҳи дилхоҳи худ ҳарф, калима, ибора ё мисраи порчаи шеъриро дарҷ мекунад, ки он *моддаи таъриҳ* ном дошта, санаи матлуброро ифода мекунад. Мас., дар вафоти Камолуддини Беҳзод Амир Дӯсти Ҳошимӣ гуфтааст:

Агар хоҳӣ, ки таъриҳаш бидонӣ,
Назар афкан ба «хоки қабри Беҳзод».

Моддаи таъриҳ ибораи خاك قبر بهزاد («хоки қабри Беҳзод») буда, ба ҳисоби А. адади 942-ро ифода мекунад, ки соли ҳиҷрист ва ба с. 1536 милодӣ баробар аст. Азбаски А. аз ихтирооти мардуми араб буда, ба адабиёти мо роҳ ёфтааст, шоирон ҳангоми истифода аз он бештар қоидаву қонунҳои маъмули адабиёти арабро риоя кардаанд ва ба алифбои арабӣ 4 ҳарфи форсӣ-тоҷикии п (پ), ч (چ), ж (ژ) ва г (گ)-ро илова намудаанд, ки дар ҳисоби А. қимати ҳарфҳои арабии پ, چ, ژ ва گ-ро ифода мекунанд.

Ад.: Асадуллоев С., Оқилов М., Абҷад ва таъриҳҳо, Д., 1972.
Ш. Кабиров, У. Тоиров.

АБҶАДҲО́Н ابجد خوان, бачаи навомӯзи мактабҳои қадими мусулмонӣ. Омӯзиш аз 8 калима: абҷад, ҳавваз, ҳуттӣ, каламан, саъфас, қарашат, сахаз ва зазаг сар мешуд, ки ҳамаи 28 ҳарфи алифбои арабиро дар бар мегирифт. Навомӯз ин калимаҳоро, ки дар тахтача навишта мешуданд, ёд мекард ва бо шаклу талаффузи ҳарфҳо шинос мешуд. Ин давраи хониш «абҷадхонӣ» ном дошт. Ниг. низ *Абҷад*.

АВА́З, қаҳрамони асосии эпоси *«Гӯрӯғлӣ»*-и тоҷикӣ, писари Гӯрӯғлӣ, модараш Ширмоҳ. Аз тифлӣ дар оилаи Каримқассоб тарбия гирифта, ӯро падари аслии худ мепиндорад. Гӯрӯғлӣ ӯро дуздида ба Чамбул мебарад. Дар ривояти мансури «Гӯрӯғлӣ», ки дар шим. Тоҷикистон паҳн гаштааст, А. писарҳонди Гӯрӯғлист. А. баъди ба камол расидан ҷавони соҳибҷамол ва паҳлавони беҳамто мешавад, дар ҷангҳои зидди душманони *Чамбули Мастон* корномаҳо нишон дода, шӯҳрат меёбад, бо фиребу найранги душманон борҳо асир меафтад, вале ҳаргиз маглуб намешавад. Доир ба корнамоии ӯ гӯяндаҳои тоҷик «Таваллуди Аваз», «Таваллуди Нуралӣ» ва «Таваллуди Шералӣ» (фарзандони Аваз), «Ҷанги Аваз бо Қатлоншоҳ» барин достонҳои зиёд эҷод кардаанд. А. дар байни дигар халқҳои Осиёи Миёна низ машҳур аст.

Ад.: Брагинский И. С., Из истории таджикской народной поэзии, М., 1956; Гӯрӯғлӣ, Д., 1964. *Қ. Ҳисомов.*

АВАНГА́РД, деҳа дар С. қ. Авангарди р-н ва вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи Карл Маркс. Аз А. то С. қ. ва маркази район 2 км. Аҳол. 1688 наф. (1976), асосан тоҷикону ӯзбекҳо. Клуб ва магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

АВАНГАРДИ́ЗМ (франс. avantgardisme—пешқадам), номи шартии ҷараёне дар адабиёт ва санъати а. 20, ки ба он аз анъанаҳои пешинаи образҳои бадеии реалистӣ дур шудан, ҷустуҷӯи воситаҳои нави баён ва шакли зоҳирии асар хос аст. Истилоҳи А. дар танқиди адабии с-ҳои 20 ба вуҷуд омада, с-ҳои 50 дар санъатшиносӣ устувор гардид. А. зуҳуроти пурра ва мураккаби кризиси маданияти буржуазии а. 20 буда, дар заминаи ҷаҳонфаҳмии анархистӣ ва субъективӣ сурат гирифтааст. Дар солҳои тараққиёти А. (1905—30) хусусиятҳои он дар як қатор мактабҳо

ва ҷараёнҳои модернистӣ (фовизм, кубизм, футуризм, даданизм ва ғ.) зоҳир гаштанд. Баъзе эҷодкорони барҷастаи ба А. моил, монанди П. Элюар, В. Незвал, Б. Брехт, И. Бехер, Д. Ривера аз ақидаҳои модернистии худ даст кашида, ба санъати революционӣ-социалистӣ рӯй оварданд. Бисьёр авангардистон дар мавқеъҳои субъективизми эстетикӣ монданд (Ҷ. Ҷойс, М. Пруст, П. Мондриан, С. Дали, П. Клее). Дар асарҳои аввалини В. В. Маяковский, В. Э. Мейерхольд, С. С. Прокофьев барои адибону санъаткорон низ хусусиятҳои А. дида мешуд, вале Рев. Октябрь роҳи эҷодии онҳоро муайян кард. Индивидуализм ва субъективизми авангардистиро қатъиян бартараф карда, онҳо устодони пешқадами маданияти социалистӣ шуданд. Дар ибтидои с-ҳои 30 аксари авангардистони Ғарб хусусияти ошӯбгаронаи ошкори эҷодиёти худро гум карданд. Санъаткорони Франция П. Пикассо ва Чили П. Неруда тавонистанд мавқеи маҳдуди иҷтимоии А.-ро тарк намуда, ба роҳи муборизаи зидди фашизм дароянд ва фаъолияти худро ба ҳаракати коммунистӣ пайванданд.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Ғарб тамоюлоти авангардистӣ авҷ гирифта, ҷараёнҳои неоавангардистӣ ба вуҷуд омаданд. Вале ин ҳама ҷараёнҳо, ки акнун пурра модернистӣ шудаанд, асосан ба муқобили азнавсозиҳои социалистии ҷамъият ва назарияю амалияи санъати реализми социалистӣ равона гардидаанд.

С. Табаров.

АВА́РИЯ (итал. avaria, ар. عور вайронӣ, харобӣ, зарар, зиён (ниг. *Фалокат*), фалокат ва ҳалокати ногаҳонӣ, нохост аз кор баромадани ҳар хел машинаҳо, воситаҳои нақлиёт, аппаратҳои париш ва ғ., инчунин вайроншавии онҳо.

АВАРҲО́ (худ маарулал ғӯянд), халқе, ки асосан дар қисми кӯҳсори РАСС Дог., қисман дар ҳамвории районҳои Буйнок, Хасавюрт ва ғ. маскун аст. Дар шим. РСС Озарб. (р-нҳои Белокан ва Закатал) низ ҳастанд. Шумораашон 396 ҳаз. (1970), аз ҷумла дар Догистон 239 ҳаз.

АВБОШӢ, хулиганӣ, ҳаракати қасдан содиршаванда, ки тартиботи ҷамъиятиро дагалона вайрон месозад ва ошкоро ҳурмат накардани ҷамъиятро ифода мекунад. А. чор хел мешавад: оддӣ, ашаддӣ, ашаддии махсус, майда. А.-и оддӣ қасдан ва дагалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, беэҳтиромии ошкоро нисбат ба ҷамъият; А.-и ашаддӣ ҳаракатҳои зикршудаест, ки шахси пештар барои А. суднуда содир кардааст, беҳаёии гузаро, дурушти ва ниҳояти бешармӣ, дашному масхараи гражданҳо, ба иззати нафси вакили ҷамъият расидан, муқобилат ба намояндагони ҳокимият ё назоратчиёни тартиботи ҷамъиятӣ ва ғ.; А.-и ашаддии махсус — сохтан, истифода кардани яроқҳои оташфишон, сард, инчунин далолат ба сохтану истифодаи онҳо; А.-и майда вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, таҳқир кардан ва дашном додани гражданҳо, тамасхур нисбат ба занону духтарон ва диг. рафторҳои ношоям. Авбошон дар асоси кодекси ҷиноятӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (мод. 220 КҶ РСС Тоҷ.).

Ад.: Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон, Д., 1971.

«АВВА́ЛИ ИЛМ», дуюмин китоби дарсии мадрасаҳои Бухоро буд, ки зарурати диниро ба тарзи суолу ҷавоб зикр мекард. «А. и.» пас аз китоби *«Бидоя»* хонда мешуд.

АВВО́ (лот. Bootes), бурҷ дар Нимкураи шим. осмон. Муниртарин ситораш Симоки Ромеҳ (Арктур) мебошад, ки қадри ситоравии зоҳириаш 0,1 аст. Айёми муносиби мушоҳида апр.— май. Дар тамоми терр. Иттифоқи Советӣ мушоҳида мешавад.

АВВО́Д عواد Тавфиқ Юсуф (тав. 1908, Бейрут), нависандаи тараққипарвари араб (Лубнон). Муаллифи маҷмӯаҳои ҳикоёти «Бачаи ланг» (1936), «Камаӯлчаи пашмин» (1937). Ин асарҳо, ки муносибати сатирӣ-монаи нависандаро нисбат ба ҳаёти одамони оддӣ ва беҳонумон ифода мекунанд, дар мамлакатҳои араб шӯҳрат доранд. Ҳикояҳои А. хеле ҳаяҷонбахшанд. Дар романи «Ар-Раҳиф» (1938) муборизаи мардуми араб бар зидди ҳукмронии туркҳо тасвир шудааст. Дар асар аввалин бор образи зани муборизу ватандӯсти араб инъикос ёфтааст. Роман чандин бор нашр шуда, аз беҳтарин асарҳои адабиёти муосири араб ба шумор меравад.

АВГИ́Т (юн. aygé — ҷило), минерал аз гурӯҳи пироксенҳо. Аз рӯи таркиби химиявию структураи кристаллӣ ба силикатҳо мансуб. Формулаи химиявиаш Ca (Mg, Fe, Al) [$(Si, Al)_2O_6$]. Ранги А. сабзи сиёҳтоб ё сиёҳ. Ҷилояш шишагун. Сахтиаш 5—6; зичиаш 3200—3600 кг/м³. А. дар таркиби бисьёр ҷинсҳои магмавӣ ва қисман метаморфӣ вомехӯрад.

АВГИ́ТОВ Леонид Григорьевич (тав. 7. 6. 1926, ш. Кировобод, РСС Озарб.), ходими давлатии советӣ. Мутахассиси соҳаи сохтмони зилзилабардор. Аъзои КПСС аз с. 1966. Ин-ти инженерӣ-бинокории Ростови Донро хатм кардааст (1959). С-ҳои 1964—68 сардори шӯъба ва ҷонишини сарминженери Ин-ти лоиҳакашии «Тоҷикгипрострой». С-ҳои 1968—71 директори Ин-ти мазкур. Аз 1971 ҷонишини якум ва аз 1973 раиси комитети давлатии Советӣ Вазирони РСС Тоҷ. оид ба корҳои сохтмон. Аъзои Президиуми Комитети Миллии СССР оид ба сохтмони зилзилабардор. Депутати Советӣ Олии РСС Тоҷ. (даъвати 9). Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АВГУРҲО́ (Augures), дар Рими Қадим яке аз қадимтарин ҳайати коҳинон, ки хости худоёнро дар асоси парвозу овози паррандаҳо шарҳ медоданд. Мувофиқи ривояти Рими Қадим ҳайати мазкурро *Ромул* таъсис кардааст. С. 300 то м. аз 9 кас иборат буд (аз онҳо 5 нафарашон аз плебейҳо); дар аҳди Ю. Цезарь шумораи аъзоёни коллегияи А. ба 16 нафар расид. Ба А. аъёну ашрофи Рим аҳамияти калон медоданд, чунки А. ба қонунгузорӣ таъсири калон доштанд. Бо мурури замон фаъолияти онҳо ба худ як шакли рӯякиро гирифт.

АВГУ́СТ (Augustus), Гай Юлий Цезарь Октавиан Август (23.9.63 то м.— 19.8.14 м.), императори Рим (27 то м.— 14 м.). Пас аз ғалаба бар флоти баҳрии *Антоний* (31 то м.) ва забти Миср (30 то м.) ҳокими мутлақи давлати Рим шуд, вале идораҳои сохти республикавиро шаклан нигоҳ дошт ва диктатураи ҳарбӣ ҷорӣ намуд, ки он василаи пахш кардани муқобилияти ғуломон ва диг. табақаҳои мазлуми халқ буд. Сохти давлатдорие, ки А. ҷорӣ кард, *принципат* ном гирифт. А. Испанияи шимолу ғарбӣ, вилоятҳои соҳ. Дунайро ба империяи Рим ҳамроҳ карда, вилоятҳои Миср, Мёзия, Паннония, Германияро ташкил дод. 13 янв. 27 то м. сенат ба ӯ унвони «Август» (ҳумоюн, рафеъи худоҳо)-ро дод. Баъди маглубият дар Ҷангали Тевтобург (9 м.) ва шӯриши Паннония (6—9 м.) маҷбур шуд юришҳояшро қатъ кунад. Дар замони А. дар Рим санъати меъморӣ ва адабиёт нашъунамо ёфт.

АВЕ́ЗОВ Мухтор Умарханович (28. 9. 1897, вил. Семипалатинск, р-ни Абай—27. 6. 1961, Москва), нависанда ва адабиётшиноси советии қазоқ. Аз оилаи кӯчманчӣ. Академики АФ РСС Қаз. (1946), Ходими Хизматнишондодаи илми РСС Қаз. (1957). Бобои ӯ Авез дӯсти Абай Кунанбоев буд. А. дар омӯзишгоҳи русии ш. Семипалатинск таҳсил карда, с. 1919 семинарияи муаллимии Семипалатинск, с. 1928 Ин-ти Ленинградро хатм кардааст. Эҷодиёти А. аз с. 1917 оғоз меёбад. С-ҳои 20 бештар ҳикоя менавишт. Дар ҳикояи «Тақдири бенавоён» (1924) ҳаёти қазоқони овулнишини қашшоқу беҳомиро тасвир кардааст. А. дар мавзӯъҳои гуногун зиёда аз 20 драма дорад. С-ҳои 30 драмаҳои «Боли сангин» (1935), «Муборизо» (1935), «Дар сарҳад» (1937), дар мавзӯи сохтмони

колхозӣ якчанд повесту ҳикоя: «Ҷар» (1935), «Китф ба китф» (1933), «Пайҳо» (1935), «Шикорчии уқоб дар даст» (1937) ва ғ. навиштааст. Асоси драмаи «Қубландӣ» (1945) эпоси қадимаи қаҳрамонӣ буда, бо ҳиссиёти баланди ватандӯстона таълиф шудааст. Яке аз барҷаставтарин асарҳои адабиёти советӣ эпопеяи «Роҳи Абай»-и А. мебошад, ки ҳаёти шоири маорифпарвари қазоқ Абай Қунанбоевро инъикос мекунад. Дар ин роман-эпопея зиндагии душвори халқи қазоқ дар нимаи дуюми а. 19, саҳнаҳои муборизаҳои хунини феодалӣ-қабилавӣ, хусусиятҳои хаёти бодиянишинон, задухӯрдҳои шадиди синфӣ, ҳаёти вазнини меҳнаткашон, бедоршавии ҳисси эътироз нисбат ба зулм, афзоиши таъсири маданияти пешқадами рус нишон дода шудааст. Китоби якуми он — романи «Абай» (ҷ. 1—2, 1942—47), с. 1949 бо Мукофоти давлатии СССР тақдир карда шудааст (тарҷумаи тоҷикиаш 1955). Китоби дуюм «Роҳи Абай» (ҷ. 1—2, 1952—56) с. 1959 ба Мукофоти ленинӣ сазовор гардид. Дар асар дар бораи Абаи гражданин, файласуф ва шоир сухан меравад. Мавзӯи шоир ва халқ, ки эҷодкори ҳақиқии маданияти миллист, аз мавқеи реализми социалистӣ возеҳ тасвир ёфтааст. Роман дорои ручӯъҳои лирикии зиёдест. Забонаш хеле содда ва халқӣ буда, хусусиятҳои даврро инъикос мекунад. Роман ба забони халқҳои СССР ва забонҳои хориҷӣ якчанд бор тарҷума шудааст. А. муаллифи як қатор очеркҳо ва асарҳои публицистӣ низ мебошад: «Туркистон чӣ тавр тавлид ёфт» (1956), «Очеркҳо дар бораи Ҳиндустон» (1958) ва ғ. Ӯ ба забони қазоқӣ «Муфаттиш»-и Н. В. Гоголь, «Отелло»-и У. Шекспир, «Любовь Яровая»-и К. А. Треневро тарҷума кардааст.

А. олими намоён, асосгузори абайшиносӣ, муаллифи асарҳои тадқиқотӣ доир ба таърихи адабиёт ва фольклори қазоқу киргиз, доир ба равобит ва таъсири мутақобили адабиётҳост. Ӯ яке аз муаллифон ва муҳаррирони «Очерки таърихи адабиёти советии қазоқ». А. депутати Совети Олии РСС Қаз., аъзои Комитети Советии муҳофизати сулҳ, аъзои Комитети Мукофоти давлатии СССР ва Мукофоти ленинӣ (1948) буд. Бо 3 орден мукофотонида шудааст.

АВЕЗОВА Мастура (тав. 1905, қиш. Унчин уезди Хуҷанд), ходими партиявию советӣ. Аъзои КПСС аз с. 1930. Аз оилаи деҳқони камбағал. Яке аз аввалин занҳост, ки фаранҷиро партофта, дар кори ҷамъиятию истеҳсолии республикаи ҷавони Тоҷикистон фаъолона иштирок кардааст. Фаъолияти меҳнатиаш с. 1929, баъди хатми техникум, дар ф-каи шоҳибофии Фаргона оғоз ёфт. С. 1930 ба Хуҷанд омада, дар комбинати шоҳибофӣ кор кард. С. 1936 раиси Комитети вил. Ленинобод интихоб гардид. Солҳои охир раиси Комитети вилояти ш. Ленинобод буд. Аз с. 1960 нафақахӯри шахсӣ. А. аъзои КМ ПК Тоҷ., аъзои пленуми КМ иттифоқи шоҳибофони СССР, борҳо депутати Совети Олии СССР ва РСС Тоҷ. интихоб шудааст. Бо 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаи дуюм, 5 ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АВЕНАРИУС (Avenarius) Рихард (19. 11. 1843—18. 8. 1896), файласуфи идеалисти швейцарӣ, яке аз асосгузорони *эмпириокритицизм*, проф. Ун-ти Цюрих. Мафҳуми асосии фалсафаи А. *таҷриба* аст. Ӯ мекӯшид бо ин мафҳум зиддияти байни материя ва рӯҳ, зиддияти физикӣ ва психикиро («Танқиди таҷрибаи холис», 1888—90) барҳам диҳад. Вале мафҳумҳои физикӣ ва психикиро танҳо чун мазмуни таҷриба донистан муқаддам будани шуурро эътироф кардан аст, зеро таҷриба бе субъект, бе шуур имконнопазир аст. Таълимоти А. дар бораи «координацияи принципӣ» («бе субъект объект нест ва бе объект субъект») идеализми субъективӣ аст, ки он реалияти объективиро, ки новобаста ба шуури мо вуҷуд дорад, инкор мекунад. А. қимати биологии дониш ва тафаккурро аз рӯи «принципи бо сарфи ками меҳнат» ба ҳақиқати объективӣ муқобил мегузорад. В. И. Ленин дар асари худ *«Материализм ва эмпириокритицизм»* моҳияти иртиҷоии фалсафаи А.-ро фош кардааст.

АВЕСАЛОМОВ Иван Сергеевич (тав. 1. 2. 1907, ш. Великий Устюг, вил. Вологдаи РСФСР), ветеринар-паразитолог, доктори илмҳои ветеринарӣ, проф. (1952).

А. баъди хатми Ин-ти ветеринарии Омск (1931), ходими илмии ИТИ ветеринарии Омск (1932—39), инспектори калони назорати ветеринарии давлатии РАСС Бурятистон (1939—42), иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45), мудири шӯъбаи паразитологияи ИТИ ветеринарии Сибирь (1946—48), мудири шӯъбаи илм ва пропагандаи ВҲҚ ва шӯъбаи биопрепаратҳои Станцияи ветеринарии Қазоқистон (1948—53), ҷонишини директори ИТИ ветеринарии Ленинград (1953—60), мудири шӯъбаи паразитологияи ИТИ ворводорӣ ва ветеринарии АФ РСС Тоҷ. (1960—62), ин-чунин мудири кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Ин-ти х. қ.-и Тоҷикистон. А. дар соҳаи омӯхтан ва муолиҷаи касалии трипаносомози асп тадқиқот гузаронида, антиген ва вакцинаи зидди трипаносомӣ офарид. А. доир ба пайдоиш, паҳншавӣ ва ҳараҳои муолиҷаи касалиҳои ҳорво 5 монография, 90 асари илмӣ навиштааст. Вай раиси Президиуми шӯъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти умумииттифоқии микробиологҳо мебошад. А. бо 9 медаль, Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ., Грамотаи Фахрии ВАСХНИЛ, медальҳои тилло ва нуқраи НКХХ СССР мукофотонида шудааст.

Ас.: Трипаносомоз однокопытных животных в СССР, Фрунзе, 1952; Случная болезнь однокопытных, Фрунзе, 1965; Манбаъҳои табиии касалиҳои ҳорво ва парранда дар Тоҷикистон, Д., 1973.

АВЕСТО, اوستا **Авасто, Абасто**, қадимтарин асари адабиёти форсӣ-тоҷик, китоби муқаддаси зардуштия — оини халқҳои эронинажоди қадим. Матни ибтидоии А., ки дар байни аҳли мазҳаб шифоҳӣ нақл меёфт (забони А. дар а. 4 то м. матрук буд), баъдтар китобат шуда (алифбои «авестой» аз а. 3 болотар нест), дар аҳди Сосониён (а-ҳои 3—7) сурати расмӣ гирифтааст, аз 21 китоб (наск) иборат буда, 350000 калимаро дар бар мегирифт (танҳо 83000 калимааш то замони мо боқӣ мондааст). А. дар ду таҳрир (вариант) маъмул аст: якум — маҷмӯаи порчаҳои ибодатӣ, ки аз чанд китоби он фароҳам омадааст ва дуюм — панҷ қисми мустақил: «Вандидод» — маҷмӯаи амрҳои динӣ, «Виспарад» ва «Ясно» — муноҷот; «Яштҳо» — сурудҳои муқаддаси маъбудони тозардуштӣ (Митра, Ҳаома ва ғ.) ва зардуштӣ; «Хурд Авесто»— дуоҳо. Қадимтарин қисми А. готҳо (муноҷотҳо) мебошанд. Таълифи ин қисмро ба Заратуштра (Зардушт) нисбат медиҳанд. Муноҷотҳо муҳимтарин қисми «Ясно» буда, чун «Яштҳо» унсурҳои асотирии зиёдеро дар бар гирифтааст. Варианти якуми А. тарҷумаи паҳлавӣ (форсии миёна) надорад (бинобар он «Вандидоди содда»—соф номидааанд). Матни варианти дуюм тарҷумаи тафсирноке ба забони паҳлавӣ дорад, ки «Занд» меноманд («Занди Авесто» аз ҳамин ҷо баромадааст). Дар илм ақидае ҳукмрон аст, ки А. дар ибтидои ҳазораи якуми то м. дар ҳоки Осиёи Миёна ва шимолии Афғонистон пайдо шудааст. Аммо шак нест, ки такомули минбаъдаи А. дар кишварҳое, ки мардуми эронӣ маскун буданд — Мод, Отрупотан (Озарбойҷон) ва хусусан ҷануби Эрон (Форс) ба амал омадааст. Бинобар он А. чун асари адабиёт ба халқҳои ин ҷо низ нисбате дошта, барои омӯхтани таъриҳ, маданият, эътиқоди динӣ, фольклор ва анъанаҳои адабию эстетикии ин халқҳо аҳамияти бузурге дорад А. асари диниюи ибодатӣ бошад ҳам, бисьёр порчаҳои адабие дорад, ки асосан ҷанбаи асотирӣ дошта, намунаҳои фольклори эрониёни қадимро то имрӯз боқӣ доштааст. Дар ин порчаҳо бисьёр санъатҳои бадеӣ ва

баъзе унсурҳои қофия дучор меоянд. Готҳо саросар вазн доранд. А. дар нусхаҳои дастнависи а-ҳои 13—14 ба мо расидааст. Дар Европа А. нахустин маротиба дар с. 1771 бо ёрии дастурони порсӣ — пешвоёни динӣ (дар Ҳиндустон) аз тарафи Анкетиль *Дюперрон* ба франсавӣ тарҷума шуда буд. Аз он вақт ба забонҳои зиёде чандин бор тарҷума гардидааст.

А., ғайри фармоишоти маросимию мазҳабии соф, аз нуқтаи назари ғоявӣ унсурҳои ибтидоии илмӣ, тиббӣ, тасаввуроти қонунгузорӣ, маҷмӯи ба ҳам омезишёфтаи дастурҳои ақидавӣ (динӣ ва фалсафии ибтидоӣ), ахлоқӣ ва эстетикиро низ дар бар гирифтааст. Матни А. таҳаввули асарро, ки ба: а) зинаи аввали он — зардуштияи готӣ ва б) зинаи сонитари он — зардуштияи расмӣ (хурд А.) мувофиқат дорад, инъикос мекунад.

Дар готҳо ғояҳои ислоҳоти динии Заратуштра, ки дар шароити тараққиёти олии сохти ҷамоаи авлодӣ ва тадриҷан ба ҷамъияти синфӣ, ба марҳилаи демократияи ҳарбӣ гузаштан ҷараён дошт, ифода ёфтаанд. Таркиби ичтимоию ҳудуди аҳолии қадими Осиёи Миёнаю Эрон, мувофиқи А., ба се гурӯҳи ичтимоӣ — чорводору барзгарон (ҷамоаи «вис»)-и муқимӣ бо сардории солори ҷамоа; лашкариён бо сардории сипаҳсолор; рӯҳониён бо сардории мӯбади калон ва инчунин ба авлод (дар ҷамоа), қабила (дар ноҳия) ва иттиҳоди қабилаҳо (дар вилоят) бо сардории пешвоёнашон тақсим шудааст. Мундариҷаи асосии таблиғоти динии готҳо аз даъват барои пурқувват кардани ҷамоаи чорводорону барзгарони муқимӣ, зарба додан ба ҳуҷумҳои бодиянишинон ва мутаносибан истеҳком додани ҳокимияти «арта вахишта» («беҳтарин тартибот»)-и рӯҳониёну пешвоёни ҳарбӣ — сипаҳсолорон ' иборат аст, ки ин ибтидои давлатдории синфӣ мебошад. Тамоми масъалаҳои баёншуда ва тамоми услуби он, ки аз тарафи зардуштияи расмии баъдина мавриди тафсири мазҳабӣ қарор ёфта ва инчунин бо ташаббуси як идда олимони дар мавқеи фалсафаи идеалистӣ қарор гирифтаи Ғарб ҳеле модернизация шудааст, ба ин таркиби нисбатан сареҳи ичтимоӣ ва мундариҷаи «замиини» таблиготи динӣ мувофиқат дорад. Дар готҳо баъзан ашъёи олами заминӣ ва ғайризаминӣ, арвоҳи олами боло (осмонӣ) на дар шакли мубҳами муҷаррад, балки, баръакс, бо эътиқоди кӯр-кӯрона дошта, ки ба тасаввуроти даврҳои ибтидоӣ мутобиқ аст, ҳеле натуралистона ташхис дода шудааст. Тасаввуроти готӣ тазоди табиати атроф ва тамоми низоъҳои ҷамъиятии тезутундшавандаро инъикос карда, олами боло (осмонӣ)-ро поляризация кардааст, вале ин кор дар қиёси олами заминӣ ичро шудааст, ки мазмуни дуализми динии даврҳои аввалро ташкил медиҳад. Тамоми зуҳуроти заминию осмонӣ ба некию бадӣ, нуронию зулмонӣ ва ниҳоят ба ду категория: Некӣ ва Бадӣ ҷудо шудааст. Дар олами заминӣ — чорводорону барзгарони нафърасон, мӯбадони некхоҳи онҳо ва сипаҳсолорон (қавиҳо)-и олиҷанобашон дар як тараф ва кӯчманчиёни бадхоҳ, мӯбадони дурӯғгӯ (карапанҳо)-и онҳо ва сипаҳсолорони золимашон дар тарафи дигар ҷой гирифтаанд. Дар қиёси сохти сегонаи ҷамъият дар олами боло (осмонӣ) низ се табақаи худоёни некиву бадӣ дар муқобили якдигар гузошта шудаанд: қутби Некӣ — Маздо Аҳура (ҳукмфармои оқил) — ҳокими осмонӣ; Воҳу мана (рӯҳи чорво) — солори осмонӣ, пуштибони ҷамоа, ки аз абстракциии «андешаи нек» иборат аст; Арта вахишта (рӯҳи оташ) — ифодаи Осмонии мӯбади калон, ки аз абстракциии «Беҳтарин тартибот», «ҳақиқат» иборат аст; қутби Бадӣ — Друҷ (рӯҳи «Дурӯғ» — «ҳоким»-и Зулм), Ака Мана (рӯҳи мӯбади бардурӯғи осмонӣ — «Андешаи бад») ва Эшма (тимсоли осмонии кӯчманчии ғоратгар, рӯҳи «Ғорат»). Инкишофи минбаъдаи тасаввуроти динии дар А. ифодашуда аз омезиши зардуштияи готӣ бо тасаввуроти тотемию анимистии қадимтарин қабилаҳои Осиёи Миёнаю Эрон ва дар силсилаи худоёни зардуштия ба маъбудҳои хурд-хурд табдил ёфтани худоёни қабилаҳо иборат гардидааст, ки сардорашон Аҳурамаздост (тадриҷан нишонаҳои худои ягонаро пайдо кардааст) ва бо Ангра Манья (ки Ака Манаи готӣ ба бадкирдори ашаддӣ табдил ёфтааст) дар муборизаи доимӣ мебошад. Азбаски ба инкишофи шуури ҷамъиятии мардуми даврҳои қадими таърихӣ худшиносии инсон, сифатҳои инсонӣ пайдо кардан ва антропоморфӣ гардидани воқеияти атроф хос аст — худои Некӣ, ҳарчанд ки мавриди суҷуд аст, беш аз беш дар сурати инсон дарк шудан мегирад (масалан, худои ҳосил ва об — Ардвисура Анаҳита дар гимне аз «Яштҳо», ки ба вай бахшида шудааст ва г.), аммо рӯҳи бадӣ дар шакли ҳайвон тасаввур мешавад (чунончи Ажи-Даҳака, девони бадкирдор ва г.). Аҳамияти А. ҳамчун муҳимтарин сарчашма доир ба таърих ва системаи динии аҷдоди қадими халқи тоҷик калон аст, вале махсусан бояд қайд кард, ки унсурҳои фалсафӣ (диалектикаи содда, лаҳзаҳои реалистӣ — нишонаҳои биниши материалистӣ ва г. дар он акс ёфтаааст) ва ба ин унсурҳо сахт вобастагии дуалистии тасаввуроти баденю эстетикӣ ва ахлоқӣ низ аҳамияти калон дорад. Аз ҳама муҳимтаринаш ин аст, ки дар саросари А., хусусан дар готҳо, аз як тараф якҷоя ва дар аввалҳо ҳатто аз ҳам ҷудо набудани мафҳуми «зебо»-ю «хушрӯ» ва «хуб»-у «нек» мушоҳида мешавад. Ин чиз ташаккул ёфтани тасаввури ибтидоии ягона будани «зебой» ва «некӣ»-ро мефаҳмонад, яъне аз ягона будани унсурҳои категорияи эстетикию ахлоқӣ, ки мо аз рӯи тасаввуроти юнониёни қадим «колокогатия» меномем, ба назар мерасад. Аз нуқтаи назари формалӣ тасаввури ибтидоии зебой мавзуиият, аниқтараш таносуб, мутаносибӣ ҳисоб меёбад, ки сарманшаи дигар категорияи муҳимтар — «гармония» мебошад. Ҳангоме ки дар готҳо Заратуштра аз тарзи ба худо ҳамд хондани сухан меронад, мегӯяд, ки инро бо «каломи мавзун» адо хоҳад кард, на бо суханони «ғайри мавзун». Тамоми унсурҳои бадеии А. ба вазну оҳанг асос ёфтаанд (дар «Готҳо» панҷ вазни ҳиҷоӣ; дар «Яштҳо» — маъмулан ҳаштҳиҷоӣ); муҳимтарин принципи бадеӣ таносуб аст (банд-банд омадани шеър; мутаносибан ҷой гирифтани калимаҳо дар сатр, аз ҷумла хиазмаҳо). Ин тасаввуроти эстетикии ибтидоӣ бештар дар санъати сухан, яъне дар матни А., ки дорои аҳамияти бадеист, ифода гардидааст. Инъикоси бадеии воқеият дорои унсурҳои реалистӣ буда, мисли тақлиди табиат аст, ки низ сарманшаи категорияи «мимезис» (тақлид)-и эстетикаи Юнони Қадим мебошад. Маҳз барои ҳамин ҳам матнҳои бадеӣ ҳангоми инъикоси тазоди воқеии табиату ҷамъият ба принципи поляризацияи универсалӣ (тазоди умумӣ) асос ёфтаанд. Азбаски дигар принципи муҳим муқаддас доштани сухан буд, дар А. таваҷҷӯҳ нисбат ба сухан, ҳамчун қувваи асосии таъсирбахш (ғояи «Мантра спента» — «Сухани муқаддаси таъсирбахш» — афсун): лутфи сухан (такрор, истиора, ташбеҳ, нақарот, сачъ, тародуф ва г.) ва эътирофи сухан (дар қиёси фармоиш ё дуои мӯбад) низ мавқеи устувор дорад; сухан дар силсилаи сегонаи ахлоқ дар марказ қарор гирифтааст: «андешаи нек — сухани нек — кирдори нек». Дар баробари ин бартараф гардидани универсалияти ихтилофҳо ба пайдо шудани тамоюли ягонаи монистӣ мусоидат кардааст. Дар асоси қувваи гирифтани яккаҳокимиятии ҳукмрони марказӣ, аз як тараф ва инкишофи ғояи тафаккури абстрактии инсон (дар натиҷаи ба инсон табдил ёфтани воқеият), аз тарафи дигар, ғояи монизми динӣ (вахдат, тавҳид), ки дар А. ифода ёфтааст, дар тасаввуроти ақидавӣ беш аз беш ҳукмронӣ кардан мегирад. Аз ин ҷо мафҳуми «вақти беҳудуд» (зрвана акарена) ва «нури беохир» (ангра раочао) ба сифати Нахустинофариниш пайдо шудааст: тамоми олам, табиат ва ҳаёт аз Нур ба вуҷуд меоянд ва аз Нур саршоранд. Митра на фақат ба худои оф-

тоб табдил ёфтааст, инчунин худои Нури муҷаррад (абстракт) ҳам мебошад; акнун то ба эътирофи худои муҷаррад (ба идеяи тавҳид) як қадам монд. Аҳурамаздо на фақат худои аз ҳама олимақом, инчунин худои яккаву ягона ҳам мебошад. Ҳамин тавр принципи яккахудоии дини монотеисти, ки зардуштияи расмӣ ба он табдил ёфта буд, дар матнҳои даврахои охири А. инъикос ёфтаааст. Нур ба категорияи эстетикии марказӣ мубаддал мешавад: «Эй Офтоби сабуксайр, тулӯъ кун, баланд шав бар қуллаи Хара (кӯҳи муқаддас чун Олимпи юнониён), ба тамоми мавҷудот нур пош... Тулӯъ кун, баланд шав, эй Моҳ, офарандаи Гов (яъне ҳар он чи дар рӯи замин мавҷуд аст), бар қуллаи Хара, ба тамоми мавҷудот нур пош. Тулӯъ кунед, баланд шавед, эй Ситорагон, офаринандагони Об (яъне аввалин шарти ҳаёт дар замин), бар қуллаи Хара, ба тамоми мавҷудот нур пошед!» («Вандидод», XXI, 5, 9, 13). Принципи эстетикии А.-ро, ки бо принципи ахлоқ омезиш ёфта, минбаъд асоси оини монавӣ қарор гирифтааст, бо фикраи «Бигузор нур оламгир шаваду зулмот намонад!» метавон таъбир кард. *И. Брагинский.*

АВИА (лот. avis — парранда), кисми аввали калимаҳои мураккаб, ки мансубияти онҳоро ба авиация ифода мекунад. Мас. *авиамоделизм, авианосец.*

АВИАМОДЕЛИ́ЗМ, сохтани модели аппаратҳои париш, аз ҷумла ракетаҳо, бо мақсадҳои техникӣ ё спортӣ.

А.-и техникӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои муҳими таҷрибаҳои илмию техникии сохтани аппаратҳои париш ҳал гардад.

А.-и спортӣ намуди оммавии спорти техникист. Дар СССР дар аввалин мусобиқаи модельҳои парвозӣ (авг. 1926) 70 спортсмен, вале дар мусобиқаи 36-уми умуминиттифоқӣ (1967) қариб 500 спортсмен иштирок дошт. Ба А.-и спортӣ дар СССР «Ҳафтаи флоти сурхи ҳавоӣ» (1923) асос гузошт. Аввалин маҳфилҳои А. дар Москва, Ленинград, Тбилиси ва г. ташкил шуданд. Баъди Флоти Ҳавоиро ба шефӣ гирифтани ВЛКСМ (1931) А. хеле тараққӣ кард. Аввалҳо модели озодпарвози самолётҳои шаклу андозааашон гуногун сохта мешуданд. Барои ин модельҳо ресмонҳои резинӣ ҳамчун муҳаррик хизмат мекард, аз ин рӯ онҳоро модельҳои резинамотор меномиданд. Дертар микромуҳаррикҳои дарунсӯзи поршенӣ (ҳаҷми цилиндрашон аз 1 то 10 см) ва реактивӣ ихтироъ шуданд. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ А.-и кордӣ (симӣ) шӯхрат ёфт. Дар ин гуна модельҳои ба сим идорашаванда як нӯги сими борик ба рули идораи модель ва нӯги дигари он ба асбоби идоракунии дастӣ баста шудааст. Модель ҳангоми парвоз дар атрофи спортсмен, мувофиқи идора кардани ӯ, ҳаргуна ҳаракатҳои оддӣ ва санъати олии парвозро иҷро мекунад. Спортсменҳои советӣ то с. 1968 дар мусобиқаҳои байналхалқии А. 15 рекорди ҷаҳонӣ гузоштанд. Дар мамлакат зиёда аз 200 ҳаз. нафар спортсменҳои разряддор, устодони спорт, Устодони Хизматнишондодаи спорти СССР ва тренерони А. мавҷуданд. Дар РСС Тоҷ. аз рӯи ин намуди спорт 14 нафар номзад ба устоди спорти СССР ва 84 нафар спортсменҳои разряддор (1974) ҳастанд. Ба А. клуби марказии спортии авиамоделии ДОСААФ-и СССР ва федерацияи спорти авиамоделии СССР роҳбарӣ мекунанд. Дар Тоҷикистон дар назди клубҳои авиаспортии ДОСААФ-и республика ва станцияҳои техникҳои ҷавон маҳфилҳои А. кор мекунанд.

АВИАНО́СЕЦ, авиакаш, кишти ҷангии рӯпобӣ — базаи авиационии шиновар, ки лаёқати баланди манёврӣ дорад. Авиацияи саҳникиштӣ (самолёт, вертолёт), ки бо ракета, бомба ва торпедаҳои ядроию муқаррарӣ мусаллаҳ аст, воситаи асосии зарбазани А. мебошад. А. инчунин дастгоҳҳои ракетии зенитӣ ва артиллерия ҳам дорад. А.-ҳои замонавӣ зарбазан ва зидди заврақҳои зериобӣ мешаванд, ки муҳаррики муқаррарӣ ва атомӣ дошта метавонанд. А.-ҳои зарбазан барои зарба ба объектҳои рӯизаминӣ, қӯшунҳои хушкигард, кишти ва самолётҳо; А.-ҳои зиддизаврақ барои дарьёфт ва нобуд кардани заврақҳои зериобӣ дар баҳри кушод таъин шудаанд. А.-и зарбазани атомии ШМА «Энтерпрайс» яке аз пуриқтидортарин А.-ҳои замонавӣ мебошад. Зарфияти пурраи он қариб 90 ҳаз. т., иқтидори 8 реактори атомиаш 220 МВт (300 ҳаз. қ. а.), суръати максималӣ — 65 км/с, дурии шино — 700 ҳаз. км, дарозии саҳн барои парвози самолётҳо — 336 м, бараш 76 м. Бо ду ҷуфт дастгоҳи ракетии зенитӣ мусаллаҳ аст. Дар саҳни «Энтерпрайс» то 100 самолёт, аз ҷумла то 66 самолёти ҳамлавари дорои заряди ядрой, то 24 самолёти қиркунандаи пешгир ва якчанд самолётҳои дидбониву разведкавӣ ҷой мегиранд.

АВИА́ЦИЯ (франс. aviation, аз лот. avis — парранда), парвоз дар муҳити ҳаво бо аппаратҳои париши вазнинтар аз ҳаво. Дар А.-и с-ҳои 60-уми а. 20 асосан *самолёт, вертолёт* ва *планёрҳо* истифода мешаванд. Ду намуди А.: авиацияи граждани ва авиацияи ҳарбӣ мавҷуд аст. А. дар асоси аэродинамика, динамикаи газ, назарияи муҳаррикҳо, назарияи мустаҳкамӣ ва диг. илмҳо инкишоф меёбад. Вобаста ба талаботи тактикиву техникӣ дар А. таҷҳизоту воситаҳои техникии гуногунро истифода мебаранд.

А. асосан дар а. 20 инкишоф ёфт, аммо инсоният дар давоми асрҳо орзӯи парвоз мекард. Рассом, олим ва инженери италиявӣ Леонардо да Винчи (1452—1519) тарҳи аппарати париши бо қувваи мушаки одам ҳаракаткунанда ва вертолёти ҳаракатовараш механикиро тартиб дод ва гояи парашютро пешниҳод кард. Аммо маълум шуд, ки бо қувваи мушаки инсон паридан ғайриимкон аст. Инкишофи муҳаррикҳои буғӣ дар а. 19 боиси он гардид, ки ихтироъкорон дар роҳи буньёди самолётҳои муҳаррикашон буғӣ кӯшиш намоянд. Дар Россия офицери баҳрӣ А. Ф. *Можайский* с. 1881 барои чунин аппарати париш патент гирифт ва с. 1885 онро сохт. Аммо ҳангоми санҷиш аппарат ба фалокат дучор шуд. Кӯшишу ҷустуҷӯҳо нишон доданд, ки муҳаррикҳои буғӣ талаботи А.-ро қонеъ карда наметавонанд.

Такомули *муҳаррики дарунсӯз* дар охири а. 19 боиси ба вуҷуд омадани муҳаррики авиационии нисбатан сабук ва пуриқтидор гардид. Аввалин шуда бародарон У. ва О. Райт (ШМА) дар самолёте, ки худ сохтаанд, муҳаррики дарунсӯзро истифода карданд. Парвози он 17 дек. 1903 бо муваффақият анҷом ёфт. 25 июли 1909 конструктор-лётчики франсавӣ Л. Блерио бо самолёти хеш аз гулӯгоҳи Ла-Манш парвоз карда гузашт.

Дар Россия с-ҳои 1909—14 Я. М. Гаккель, Д. П. Григорович, В. А. Слесарёв, И. И. Стеглау конструкцияҳои гуногуни самолётҳоро сохтанд. Б. Н. Юрьев с. 1910 лоиҳаи нахустин вертолётро дар Россия тартиб дод. С. 1913 самолёти вазнини конструкцияи И. И. Сикорский «Русский витязь» нахустин маротиба парвоз кард. Барои равнақу ривоҷи А. дар Россия лётчикҳо М. Н. Ефимов, Н. Е. Попов, Г. В. Алехнович, А. В. Шиуков, Б. И. Россинский, С. И. Уточкин ва диг. саҳми калон гузоштанд. 9 сент. 1913 лётчики рус П. Н. *Нестеров* дар самолёти «Ньюпор-4» «ҳалқаи ҳавоӣ»-ро бачо овард, ки «ҳалқаи ҳавоии Нестеров» ном гирифт. Дар пешрафти илми аэродинамика олими бузург, «падари авиацияи рус» проф. Н. Е. *Жуковский* ва шогирди ӯ, акад. С. А. *Чаплыгин* саҳми бузург гузоштанд. С. 1904 дар Кучино (назди Москва) бо ташаббус ва роҳбарии Жуковский Ин-ти аэродинамика таъсис ёфт. Асарҳои Жуковский доир ба назарияи парвози самолёт, устуворӣ, идорашавӣ ва диг. проблемаҳои А. дар ҳамин ҷо таълиф шуданд. Осори Жуковский ва диг. олимони русу хоричӣ асоси илмии самолётсозиро ба вуҷуд оварданд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба инкишофи А. такони зӯр дод. Дар давраи ҷанг навъҳои самолётҳо асосан аниқ шуда, сифатҳои парвозии онҳо хубтар мегардад: суръати самолётҳои қиркунанда аз 90—120 то 200—220 км/с,

авҷи самолёт аз 2 то 7 км, борбардории самолёт то 1500 кг меафзояд. Мавҷеи А. дар ин давра чун навъи мустақили қӯшун муайян мегардад.

Пас аз Рев. Октябрь тараққиёти минбаъдаи А. дар Россия бевосита бо ғамхории Партияи Коммунистӣ, Ҳокимияти Советӣ ва шахсан В. И. Ленин вусъат меёбад.

С. 1918 бо иштироки шахсии В. И. Ленин Ин-ти аэрогидродинамикии марказӣ (ЦАГИ) таъсис ёфт, ки дертар бузургтарин маркази илмии авиационӣ гардид. С. 1919 техникуми авиационии Москва ташкил шуд ва баъдтар (1922) ба Академияи Ҳарбии Ҳавоии Инженерии ба номи Н. Е. Жуковский табдил ёфт. С. 1930 Ин-ти авиационии Москва (МАИ) таъсис мегардад. С-ҳои 20-ум Бюроҳои конструктории самолётсозӣ бо сардории А. Н. Туполев, Н. Н. Поликарпов ва Д. П. Григорович ташкил ёфтанд. Бо самолётҳое, ки онҳо сохтаанд, лётчикҳои советӣ чандин парвозҳои дурмасофа, ба монанди Москва — Токио — Москва (1927), Москва — Нью-Йорк (1929) ва ғ.-ро ба ҷо оварданд.

Тараққиёти минбаъдаи А. дар арафа ва с-ҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба пайдоиши зумраи муҳаррикҳои авиационии ихтирои В. Я. Климов, А. Д. Швецов, А. А. Микулин ва диг. алоқаманд аст. С-ҳои 30-юми а. 20 дар СССР саноати пуриқтидори авиационӣ ба вуҷуд омад. Ин-тҳои тадқиқотӣ ва Бюроҳои конструкторӣ беҳтарин нишондиҳандаҳои парвозии самолётҳоро ба даст меоранд. Қиркунандаҳои Поликарпов И-15, И-16 (1933) ва И-153 (1938) бо суръати 450—525 км/с, бомбаандози фронтии Туполев СБ (борбардорӣ — 500 кг, суръат—420 км/с), бомбаандози дурпарвози Ильюшин ДБ-3 (борбардорӣ — 500 кг, дурпарвозӣ — 4000 км, суръат — 450 км/с) пай дар пай сохта мешаванд.

С. 1934 бо самолётҳои АНТ-4, Р-5 ва ғ. экипажи кишвари яхшикани «Челюскин» (104 кас) аз асорати яхҳои уқёнуси Яхбастаи шимолӣ наҷот дода шуд. С. 1937 лётчикҳо В. П. Чкалов, Г. Ф. Байдуков ва штурман А. В. Беляков дар самолёти АНТ-25 бо маршрути Москва — Кутби Шимолӣ — Ванкувер (ШМА) бепишаст парвоз карда, масофаи 8504 км-ро дар 63 с 16 дақиқа тай карданд. Ин ва диг. парвозҳо аз маҳорату ҷасорати лётчикҳо, муваффақиятҳои бузурги илмию техникии А., радиоалоқа ва метеорологияи советӣ шаҳодат медоданд. Дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бюроҳои конструктории С. В. Ильюшин, С. А. Лавочкин, А. И. Микоян ва М. И. Гуревич, В. М. Петляков ва А. С. Яковлев қиркунандаҳои ЛаГГ-3, МиГ-3, Як-1, бомбаандозҳои Пе-2, Ил-4 ва навъи хоси самолёт — ҳамлаварии Ил-2-ро ба вуҷуд оварданд. Дар ин давра суръати қиркунандаҳо ба 600—650 км/с, баландпарвозиашон ба 11—12 км, суръати бомбаандозҳо ба 550 км/с, дурпарвозии онҳо ба 3000—4000 км, имкониятӣ борбардориашон ба 3—4 т расид.

Самолётҳои советии давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (Ла-5, Ла-7; Як-3, Як-9; Пе-2, Пе-8; Ил-2, Ил-4, Ту-2) бо сифатҳои аэродинамикӣ, вазн ва аслиҳаи худ назар ба самолётҳои немисӣ (МЕ-109, ФВ-190, Ю-87, Ю-88) афзалият доштанд. Дар охири ҷанг суръати баъзе самолётҳои муҳаррикашон поршенӣ ба 690—720 км/с мерасад.

Истифодаи *муҳаррики реактивӣ* дар А. революцияи илмии техникӣ ба вуҷуд овард. Дар коркарди муҳаррикҳои реактивӣ олимону конструкторони советӣ саҳми арзанда гузоштанд. Б. С. Стечкин назарияи муҳаррики реактивии ҳавоиро ба миён гузошт (1929). Ихтироъкори муҳаррикҳои турбореактивӣ (МТР) дар мамлакати мо А. М. *Люлька* мебошад, ки с. 1937 ба ихтирои аввалин муҳаррики турбореактивии авиационии худ ғоиз кард. С. 1939 дар Германия муҳаррикҳои турбореактивӣ ва реактивии моей (фирмаҳои БМВ, Юнкерс), дар Англия муҳаррики турбореактивии Ф. Уиттл ба вуҷуд меоянд. Дар СССР нахустин парвози реактивиро лётчик В. П. Фёдоров (февр. 1940) дар ракетоплани СК-9 (конструкцияи С. П. Королёв) иҷро кард. 15 мои 1942 лётчик Г. Я. Бахчиванҷи ба парвози нахустини самолёти муҳаррикаш реактивии моеии БИ-1, конструкцияи В. Ф. Болховитинов муваффақ шуд. Бо вуҷуди ин А. минбаъд бо истифодаи МТР пеш меравад. Парвози аввалин самолётҳои советӣ бо МТР—МиГ-9 ва Як-15 24 апр. 1946 ба вуқӯъ омад. Самолётҳои ин давр аз ҷиҳати схемаи аэродинамикӣ ва шакли худ аз самолётҳои муҳаррикашон поршенӣ тафовут надоштанд, фақат суръати онҳо 100—200 км/с бештар буд. Афзоиш ва ба суръати садо наздик шудани суръати парвоз ба вуҷуд овардани шаклҳои нави самолётҳоро талаб мекард. Дар натиҷа болҳои тунуки пайконшакл пайдо шудаанд. С-ҳои 1947—48 самолётҳои реактивии пайконболи советии Ла-15 ва МиГ-15 ба вуҷуд меоянд, ки суръати онҳо то ба 1050 км/с мерасад. Дар айни замон қиркунандаи реактивии Як-23, бомбаандозҳои реактивии Ил-28 ва Ту-14 сохта шуданд.

Ривоҷи минбаъдаи аэродинамика, ба вуҷуд омадани муҳаррикҳои реактивии хеле пуриқтидор боиси аз суръати садо бештар шудани суръати парвоз гардид ва А.-и ф а в қ у с с а д о ба миён омад. Ибтидои с-ҳои 50 якумин самолёти фавқуссадои Иттифоқи Советӣ — қиркунандаи яккасаи МиГ-19 сохта шуда, бо суръати 1450 км/с парвоз кард. Дар ин давра самолётҳои пайконболи советӣ — қиркунандаи дукасаи Як-25 ва бомбаандози дурпарвози Ту-16 низ буньёд карда шуданд.

Солҳои минбаъдаи инкишофи А. дар асоси ҳалли масъалаҳои мураккаби афзоиши суръат, дурпарвозӣ ва баландпарвозии самолётҳо ба вуқӯъ меояд. Дар парадҳои ҳавоии Тушино (1961) ва Домодедово (1967) намунаҳои навтарини техникаи ҳарбии авиационӣ: қиркунандаи фавқуссадои секунҷабол МиГ-21, самолёти сервазифаи фавқуссадои Як-28, қиркунанда-бомбаандози Су-7, нахустин самолёти амудипар ва самолёти шакли қаноташ тағйирпазир намоиш дода шуданд.

Аз самолётҳои пас аз нимаи дуюми с-ҳои 60-ум ба вуҷуд омада дар ШМА — қиркунанда-бомбаандози «Фантом F-4», самолёти сервазифаи шакли қаноташ тағйирпазири F-111 ва самолёти разведкачии SR-71; дар Франция—қиркунандаи «Мираж-III» ва бомбаандози стратегии «Мираж-IV», дар Англия — самолёти амудипари «Харриер» қолиби диққатанд. Охири с-ҳои 60 дар А. суръати парвоз ба 3000—3500 км/с, баландпарвозӣ то 30000 м, дурии парвоз ба 10000 км расид ва дар ҳолати парвози худ сӯзишворӣ гирифтани самолёт боиси дурпарвозии беҳудуд гардид. Ниг. *Аппарати париш, Авиацияи ҳарбӣ, Авиацияи граждани.*

Тасвирро ниг. дар саҳ. 16—17.

А. Ҳоҷиев.

АВИА́ЦИЯИ ГРАЖДАНӢ барои кашондани бору одамон ва иҷрои вазифаҳои махсуси хоҷагии халқ таъин шудааст. Навъҳои асосии А. г.: нақлиётӣ, санитарӣ, таълимию машқӣ, спортӣ ва махсус (хоҷагии қишлоқ, разведкаи геологӣ, *аэрофотосуратгирӣ*, тадқиқоти илмӣ ва ғ.).

А. г. дорои парки самолёту вертолёт, шабакаи роҳҳои ҳавоӣ, аэропорту аэродромҳо, умури идора ва таъмини инженерию техникӣ, воситаҳои радиотехникӣ, метеорологӣ, техникаи рӯшноӣ ва ғ. мебошад, ки барои таъмини ҳаракати муттасили нақлиёти ҳавоӣ таъин шудаанд.

Дар СССР А. г. асосан пас аз ҷанг инкишоф меёбад. Аз с. 1947 самолётҳои думотораи конструкцияи С. В. Ильюшин — Ил-12 ва Ил-14 самолётҳои асосии а э р о ф л о т гардиданд. Дере нагузашта ба ҷои онҳо самолётҳои реактивии калонсуръату бисёрҷоя истифода шуд. Ту-104, ки ду муҳаррики турбореактивии пуриқтидор дорад, якумин дар ҷаҳон самолёти пассажирии реактивӣ гардид (1958), ки дар роҳҳои ҳавоии байналхалқӣ ба парвози мунтазам ғоиз намуд. С-ҳои 1957—59 самолётҳои пассажирии турбовинтии Ил-18, Ту-114, инчунин самолётҳои конструкцияи О. К. Антонов Ан-10, Ан-24 сохта шуданд. Дар намоишгоҳи ҷаҳонии Брюссель (1958) Ту-104, Ил-18, Ан-10 ба гирифтани медали тилло,

Ту-114 ба мукофоти олии «Гран-при» сазовор гаштанд. Самолётҳои пассажирии Ил-62, Ил-62 М, Ту-134, Ту-154, Як-40 самолётҳое мебошанд, ки муҳаррикҳои турбореактивии дуконтура доранд ва онҳо дар ақиби фюзеляж ҷойгир шудаанд. Аз с-ҳои 50-ум дар хоҷагии халқ вертолётҳои конструкцияи М. Л. Миль ва Н. И. Камов (Ми-1, Ми-4, Ми-6, Ми-8, Ка-15, Ка-18, Ка-26 ва ғ.) васеъ истифода мешаванд. Аз самолётҳои таълимӣ ва машқию спортӣ самолётҳои винту моторӣ Як-18 ва реактивии Як-30, Як-32 (конструкцияи А. С. Яковлев) ҷолиби диққатанд. С. 1965 калонтарин дар дунёё самолёти нақлиётии Ан-22 («Антей», конструкцияи О. К. Антонов) сохта шуд, ки иқтидори 4 муҳаррики турбовинтии он тақрибан 4416 · 10^3 Вт (60000 қ. а.) мебошад. Вай 80 т бори муфид ё 720 пассажирро бо суръати 740 км/с ба масофаи 5000 км бенишаст бурда метавонад. Дар солҳои охири панҷсолаи нӯҳум самолётҳои нави пассажирии Ил-86 (аэробус), Як-42, самолётҳои боркаши Ил-76 ба истифода дода шуданд. Самолёти Ил-76 метавонад 40 т борро дар баландии 13000 м бо суръати 850 км/с ба масофаи 5000 км расонад.

Самолёти аввалин ба Душанбе сент. 1924 омад. Охири с. 1924 роҳи ҳавоии Душанбе — Тошкент ба кор сар кард. Роҳи ҳавоии Душанбе — Москва с. 1945 кушода шуд. 2 марти 1960 парвози аввалини самолёти Ил-18 аз Душанбе ба Москва ба амал омад. Самолётҳои Як-40, Ан-24, Ту-134 ва ғ. қариб ба тамоми р-нҳои республика парвоз мекунанд. Авиацияи санитарӣ, алоқа ва х. қ. низ ба меҳнаткашони республика ёрии калон мерасонад.

Охири с-ҳои 60-ум мамлакатҳои гуногун ба сохтмони самолётҳои пассажирии дороҳ суръати фавқуссадо (2500—3000 км/с) ва дурпарвоз (6000—8000 км) шурӯъ карданд. С. 1968 нахустин дар ҷаҳон самолёти пассажирии фавқуссадо Ту-144 парвоз кард. Суръати парвози Ту-144 2300 км/с, дурпарвозиаш бо 120 пассажир 6500 км мебошад. Ту-144 давраи нави парвози фавқуссадои самолётҳои пассажириро кушод. Ниг. *Авиация, Самолёт, Вертолёт.*

Тасвирро ниг. дар саҳ. 16—17.

А. Хочиев.

АВИАЦИЯИ САНИТАРӢ, авиацияи ҳифзи саҳат, вазифадор аст, ки ба аҳолӣ, хусусан ба сокинони мавзеъҳои дурдаст мадади фаврии ҳозиқонаи тиббӣ (ҷарроҳии фаврӣ, кӯмаки акушерӣ ва ғ.) расонад. Ҷустуҷӯи осебдидагон, кашондани таҷҳизоти тиббӣ ва духтурон ба объектҳои муайян низ аз вазифаҳои А. с. мебошад. А. с. дар СССР с. 1930 дар назди Комитети иҷроияи Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ташкил шуда буд. Дар РСС Тоҷ. аз ибт. с. 1937 станцияи А. с. дар ихтиёри ҷамъияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмари Комиссариати халқии нигаҳдории тандурустӣ буд. Аз с. 1963 Станцияи А. с. дар ихтиёри беморхонаи клиникии республикавии № 3-и Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. мебошад. Дар А. с. самолёт ва вертолётҳои гуногун, аз ҷумла реактивии аз ҷиҳати санитарӣ хеле хуб ҷиҳозонида истифода мешаванд (Як-12, АН-2, Ка-18, Ту-104 ва ғ.).

Тасвирро ниг. дар саҳ. 16—17.

Л. Я. Жуков.

АВИАЦИЯИ ХОҲАГИИ ҚИШЛОҚ, самолёт ва вертолётҳои махсус, ки барои аз касалӣ ва ҳашароти зараррасон муҳофизат намудани зироат, нест кардани алафҳои бегона, баргрезонӣ, пошидани нуриҳои минералӣ, кишти алаф, шолӣ, кашонидани борҳои таҷҳилӣ (моҳичаҳо, ҷавонаҳо, чӯҷа, хӯроки чорво ва ғ.), ёрии таҷҳилии ветеринарӣ ва ғ. истифода мешаванд. Дар А. х. қ. самолётҳои Ан-2, Ан-2М, Як-12 ва вертолётҳои Ми-1, Ми-2, Ка-15 ва ғ., ки бо олоти махсус ҷиҳозонида шудаанд, кор фармуда мешаванд.

АВИАЦИЯИ ҲАРБӢ, ҳамаи навъҳои авиация, ки барои иҷрои вазифаҳои ҳарбӣ таъин шудаанд. Соҳаҳои асосии А. ҳ.: Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ (ҚҲҲ), авиацияи Флоти ҳарбии баҳрӣ (ФҲБ) ва авиацияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ.

Авиацияи Флоти ҳарбии баҳрӣ яке аз навъҳои асосӣ ва манёврноктарини қувваҳои ФҲБ буда, барои иҷрои вазифаҳои ҷангӣ дар арсаи муҳорибаҳои баҳрӣ таъин шудааст. Вай вазифаи худро мустақилона ё якҷоя бо диг. қувваҳои флот, авиацияи дурпарвоз ё фронтӣ ва авиацияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ иҷро мекунад. Авиацияи ФҲБ аз авиацияи ракетаандоз, зиддизаврақ, разведкавӣ ва ғ. ташкил меёбад.

Авиацияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ яке аз навъҳои асосӣ ва манёврноктарини Қӯшунҳои мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоист. Вай аз авиацияи қиркунанда ва қисмҳои авиацияи фарӯӣ иборат аст. Вазифаи авиацияи қиркунанда (АҚ) — мустақилона ё якҷоя бо қувваю воситаҳои Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ ва авиацияи қиркунандаи ҚҲҲ дар ҳаво нобуд кардани воситаҳои ҳуҷуми ҳавоӣ: самолётҳо, ракетаҳои қанотдор, аэростат ва ғ. Муҳимтарин хусусияти ҷангии АҚ: манёврнокӣ, аслиҳаи пуриқтидор, лаёқати ҳамеша ва дар ҳар шароити обу ҳаво, дар масофаи аз объекти мудофиа дур нобуд кардани нишонҳои ҳавоӣ. Тарзи асосии амали ҷангии АҚ пешгирӣ кардани нишонҳои ҳавоӣ мебошад. Дар мавридҳои алоҳида усули ҷустуҷӯ ва дарёфти нишон ҳам истифода мешавад.

Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ навъи қувваҳои мусаллаҳанд, ки мавриди иҷрои вазифаҳои оперативию стратегӣ барои мустақилона ё якҷоя бо диг. навъҳои қувваҳои мусаллаҳ амал кардан таъин шудааст. ҚҲҲ барои зарба додан ба қӯшунҳои авиационӣ, ракетӣ, хушкигарду баҳрии душман, вайрон кардани муҳимтарин объектҳои ҳарбии ақибгоҳи он, ёрӣ додан ба амалиёти қӯшунҳои хушкигард ва ФҲБ, разведкаи ҳавоӣ, кашондани десанти ҳавоӣ ва яроқу аслиҳаи он, таъминоти манёври қӯшунҳо ва ғ. имконият доранд. Хусусияти асосии ҚҲҲ чун намуди қувваҳои мусаллаҳ: манёврнокии баланд, доираи васеи амалиёт, лаёқати фаврӣ таъмир додани самт ва объекти зарба, имконияти зарбаи ногаҳонӣ додан ба ақибгоҳи дур, объектҳои хурду калони сокину мутаҳаррики душман мебошад.

ҚҲҲ СССР аз авиацияи дурпарвоз (стратегӣ), фронтӣ ва ҳарбии нақлиётӣ иборат аст. Вай бо самолётҳои бомбаандози дурпарвоз (стратегӣ), бомбаандози фронтӣ, қиркунанда-бомбаандозҳо (самолётҳои ҳамлавар), қиркунандаҳо, самолётҳои разведкавӣ (пилотию бепилот), самолётҳои ҳарбии нақлиётӣ ва вертолётҳо мусаллаҳ аст.

ҚҲҲ-и давлатҳои бузурги капиталистӣ аз авиацияи стратегӣ, тактикӣ, ҳарбии нақлиётӣ ва авиацияи Қӯшуни мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ иборат аст. Дар ШМА, ба замми ин, ба ҚҲҲ иттиҳодияҳои ракетаҳои баллистикии байниқитъавӣ ва воситаҳои ҳарбии кайҳонӣ низ дохил мешаванд.

Авиацияи бомбаандоз ба объектҳои рӯизаминӣ ё баҳрии душман бо бомбаю ракетаҳо зарба медиҳад. Мувофиқи таъинот ва сифатҳои парвозию тактикии самолётҳо авиацияи бомбаандоз ба дурпарвоз (стратегӣ) ва фронтӣ ҷудо мешавад. Авиацияи бомбаандоз ҳамчун навъи авиацияи ҷангӣ дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ ташаккул ёфт ва дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ роли калон бозид.

Авиацияи ҳарбии нақлиётӣ барои кашондани десанти ҳавоӣ, яроқу аслиҳа, сӯзишворӣ, озуқа ва диг. таҷҳизоти ҷангӣ, инчунин барои таъмини манёври қӯшунҳо хизмат мекунад; дар СССР чун намуди мустақили авиация с. 1955 ташаккул ёфта, бо самолётҳои Ан-8, Ан-12, Ан-22 ва вертолётҳои Ми-6, В-12 ва ғ мусаллаҳ аст. Самолётҳои ҳарбии нақлиётӣ қӯшун, техникаи вазнини ҷангӣ, аз ҷумла ракетаю танкҳо, дастгоҳҳои артиллерии худгард ва ғ.-ро ба масофаҳои дур кашонда метавонанд. Дар марҳилаи ҳозира мавқеи авиацияи ҳарбии нақлиётӣ беш аз пеш афзуда истодааст.

Бо аслиҳаи ядрӣ мусаллаҳ гардидани ҚҲҲ боиси тағйироти куллии

паклу усулҳои истифодаи ҷанги он вардид ва роли онро дар ҷанг боз ам баланд бардошт. Баробари ин такомули техникаи авиация ҳам даом мекунад. Дар авиацияи қиркунанда самолётҳо фавқуссадои МиГ-19, ва бо ракетаи идорашавандаи навъи «Ҳавову Ҳаво» мусаллаҳ аст, истифода мешавад, самолётҳои ҳамлавари собиқаро самолёти қиркунанда-бомбаандози МиГ-15 бис. ивазкарда, авиацияи дурпарвоз бо самолётҳои газнини нави турбореактивӣ ва турбовинтӣ мусаллаҳ мегардад. Дар натиҷаи бо самолётҳои фавқуссадои дорои ракетаҳои навъи «Ҳавову Ҳаво» ва «Ҳавову Замин» мусаллаҳ шудани ҚҲҲ авиацияи дурпарвоз ва фронтӣ ба авиацияи фавқуссадои ракетакаш табдил ёфт (1960). Ҳамаи ин имконияти ҷанги ҚҲҲ ва қудрати зарбаи онро ниҳоят баланд кард.

Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ авиацияи ҳарбии давлатҳои капиталистӣ (ШМА, Англия, Франция, РФГ) низ бо техникаи реактивӣ мусаллаҳ гардида, дорои снарядҳои идорашаванда ва идоранашаванда гуногунвазифа шуд. Ин давлатҳо авиацияи тактикиро воситаи асосии ба арсаи ҷанг расондани аслиҳаи ядрой ва ба қӯшунҳо кӯмакрасонӣ ҳисобида, ба тараққиёти вай аҳамияти махсус медиҳанд. Барои ба объектҳои ақибгоҳи дур зарба расондан бомбаандозҳои стратегии B-52 (ШМА), «Вулкан» ва «Виктор» (Англия), «Мираж» (Франция) пешбинӣ шудаанд. Ниг. *Авиация*, *Авиацияи граждани*, *Самолёт*, *Вертолёт*.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 16—17.

А. Ҳоҷиев.

АВИТАМИНОЗ, ниг. *Камвитаминӣ*.

АВИЦЕНИ́Т (аз Авиценна — номи дар Европа маъмули Абӯалӣ ибни Сино), минерали камьёфти таллий. Формулаи химиявиаш Tl_2O_3 (Tl—89,5%). Кристаллҳояш майда. Сахтиаш 3,5; зичиаш 10200—10400 кг/м³. Рангаш сиёҳи тобон. А.-ро бори аввал с. 1958 геологҳо Е. А. Конькова ва В. Ф. Савельев аз кӯҳҳои Зирабулоқи РСС Ӯзб., дар рагҳои лимониту карбонатӣ ёфтаанд.

АВЛИЁ (ар. اولیاء ҷамъи ولی — валӣ — муқаррраб, наздик), мувофиқи таълимоти ислом, касе, ки гӯё бо ҳаҳоми илоҳӣ ё бо роҳи таҳзиби ахлоқ, риёзати нафс ва таҳсили илму маърифати илоҳӣ ба худо наздик шудааст. Аз нуқтаи назари тасаввуф агар дигарон охиратро дар хоб бинанд, А. дар бедорӣ мебинад ва ба ҳаводиси олам таъсир расонда метавонад. А. гӯё бо илми ладунӣ (ғайбӣ), яъне бо илму донишӣ худодод аз асрори илоҳӣ огоҳ шуда, метавонад баъзе воқеот, фоҷиаву бадбахтиҳоро пешгӯй ва бартараф кунад. Ин ақидаҳо дар бораи А. ва каромот бофтаҳои авомфиребонаи ҳомиёни дини ислом аст.

А. Муҳаммадҳоҷаев.

АВЛИЁАТӢ, номи собиқи ш. *Ҷамбул* то с. 1938.

АВЛИЁПАРАСТӢ, яке аз унсурҳои дини ислом буда, тақрибан дар а-ҳои 8—9 пайдо шудааст. Дини ислом дар ибтидо ба муқобили ҳама гуна ширк буд. Вале бо мурури замон, дар натиҷаи инкишофи парастиши бузургони дин — пайғамбарон, халифаҳо (Абӯбакр, Умар, Усмон, Алӣ) ва авлоди онҳо, А. равнақ ёфта, яке аз аҳкоми дин гардид. Минбаъд А. аз сабаби дар дохили дини ислом пайдо шудани равияҳои гуногуни динӣ, сиёсию фалсафӣ ривоҷ мегирад. А. одатҳои зararноки парастиши мазори авлиёҳо ва аз онҳо мадад ҷустанро ба вуҷуд овард. А. дар байни одамон рӯҳияи аҷзу нотавонӣ, нисбат ба қуввои худ нобовариро тарғиб карда, василаи дар фурӯтанӣ ва итоаткорӣ нигоҳ доштани меҳнаткашон буда, диққати онҳоро аз мубориза ичтимои дур мекунад. Ҳоло А. дар мамлакатҳои мусулмонии Шарқ вуҷуд дорад. Дар натиҷаи ғалабаи социализм, таъсири бевоситаи омилҳои иқтисодию сиёсӣ, маданию ичтимои А. дар байни аҳолии республикаҳои Шарқи Советӣ асосан барҳам хӯрдааст. *А. Муҳаммадҳоҷаев.*

АВЛО́Д (ар. اولاد ҷамъи ولد — валад-писар). 1) Хешу таборонеи, ки баромадашон аз як насаб аст. А. падарӣ ва модарӣ мешавад. Ба А. падарӣ амаку амакбача, аммаю аммабача ва насли ояндаи онҳо, ба А. модарӣ тагою тагобача, холаю холабача ва насли ояндаи онҳо дохил мешаванд. 2) Ҷамоаи авлодӣ, гурӯҳи асосии ҷамъиятию иқтисодии сохти *ҷамоаи ибтидоӣ*, ки бо моликияти хусусии авлодӣ ба воситаҳои истеҳсолот, бо истеҳсол ва истеъмоли коллективона, бо урфу одат, дину оин ва хешу таборӣ муттаҳид шудаанд. Дар инкишофи таърихии ҷамоаи ибтидоӣ ду марҳилаи пайдарҳам — *модаршоҳӣ* ва *падаршоҳӣ* тай шудааст. Аз сабаби дар дохили ин ҷамоа ба вуҷуд омадани тарзи нави истеҳсолот (ғуломдорӣ), пайдоиши моликияти хусусӣ ва муносибатҳои синфӣ сохти авлодӣ барҳам хӯрд. Боқимондаҳои сохти авлодӣ дар шаклҳои гуногун байни халқҳои Эрон, Ҳиндустон, Хитой то даврае капитализм, дар байни баъзе халқҳои Африка, Осиё, Океания қисман то рӯзҳои мо дида мешаванд. Осори муносибатҳои сохти авлодӣ дар байни халқҳои Кавказ, Сибирь, Осиёи Миёна то Рев. Октябрь ба назар мерасад; дар сарзамини тоҷикон, хусусан дар байни косибону деҳқонони камзамин муносибатҳои авлодӣ вуҷуд дошт. Бо мурури замон ба шароити истеҳсолоти социалистӣ муносибатҳои сохти авлодӣ аз байн рафт. 3) Категорияи таксономӣ дар ботаника ва зоология, ки намуди растанӣ ё ҳайвоноти аз ҷиҳати генетикӣ наздикро дар бар мегирад. Мас., ҳамаи намудҳои ҷав авлоди ҷавро, ҳамаи намудҳои суғур авлоди суғурро ташкил медиҳанд. Мувофиқи қоидаи номенклатураи ботаникӣ ва зоологӣ ҳар як А. бо як калима (ном), мас. А. гурба (Felis) нишон дода мешавад. А. як ё якчанд намудро дар бар гирифта метавонад. А.-ҳои ба ҳамдигар наздик ба оила муттаҳид мешаванд. Ниг. низ *Систематикаи ҳайвонот* ва *Систематикаи растанӣ*.

АВОГА́ДРО (Avogadro) Амедео (9.8.1776, Турин — 9.7.1856, ҳамон ҷо), физик ва химики италиявӣ, проф. Ун-ти Турин (1820). Аъзо-корр. (1804), акад. ординарӣ (1819). Таълифоти илмии А. ба соҳаҳои гуногуни физикаю химия (электрик, назарияи электрохимия, гармигунҷоиши хос, капиллярнокӣ, ҳаҷми атомҳо ва р.) бахшида шудаанд. А. с. 1811 фарзияеро пешниҳод кард, ки мувофиқи он молекулаи газҳои содда аз як ё якчанд атом иборат аст. А. дар асоси ин фарзия ба яке аз қонунҳои асосии газҳои идеалӣ таъриф дода (ниг. *Қонуни Авогадро*), усули муайян кардани массаҳои атомӣ ва молекулавиро пешниҳод кард. Собитаи универсалии гази идеалӣ (адади молекулаҳо дар 1 моль) мавсум ба ӯ *адади Авогадро* ном гирифтааст.

АВРАНГЗЕ́Б اورنگ زیب номи асливаш Муҳаммад, маъруф ба Оламгир (1618 — марти 1707), шоҳи Ҳиндустон (с-ҳои 1658—1707), писари сеюми Шоҳиҷаҳон, падари *Зебуннисо*. С-ҳои 1636—44 ва 1652—57 волии Дакан буд. С-ҳои 1658—59 дар муборизаи барои тоҷу тахт ба чор бародараш ғолиб омада, дигар рақибонашро қатл ва падари пиришро гӯшанишин кард. Барои забти Қандаҳору Балх ва шаҳрҳои калони вилояти Дакан юришҳо ташкил, андозхоро зиёд ва *ҷизяро* барқарор намуд. Сиёсати зӯрӣ мусулмонгардониро пеш гирифта, ибодатхонаҳо, тоҷирони ҳиндуро ғорат, мулкҳои феодалони маҳаллиро мусодира кард. Дар натиҷа мамлакатро ошӯбҳо фаро гирифта, империя рӯ ба таназзул ниҳод. Дар охири умри А. писаронаш ба муқобили ӯ исьён карданд. Дар аҳди А. мавқеи ширкатҳои тиҷоратии мамлакатҳои европой дар Ҳиндустон мустаҳкам шуд.

АВРАНГӢ اورنگی (Аврангиг ҳам мегӯянд), номи оҳанге аз оҳангҳои қадимии мусиқии форс-тоҷик. Яке аз сӣ лаҳни *Борбад*. То имрӯз фақат номаш боқӣ мондааст.

АВРА́НҶ, а н г у р и с а г а к (Solanum nigrum), гиёҳи бегонаи яксола, мансуби *авранҷиҳо*. Баландиаш то 1 м. Баргаш эллипсшакли нӯкаш борик. Гулаш сафед. Мевааш лӯнда, сиёҳи нармгӯшт. Аз моҳи июль то сент. гул карда, аз нимаи дуюми моҳи июль то нояб. мева мебандад. А. дар Европа, Америкаи Шимолӣ, Осиё (ғайр аз қисми тропикиаш), аз ҷум-

р Тоҷикистон
ог, дашт, сах-
олиз, пахта-
охили дарьё
анори чӯю
вомехӯрад.
ı А. 10—18%
баъзан то
рахмал, 5,5%
ни (чавхари)
0,54% пек-
то 0,55 мг%
ини С ва соланин ном алкало-
рад. А. дар тибби халқӣ аз за-
ои кадим истифода шудааст. Аз
тару хушки вай мураббо ва
ат тайёр мекунанд.

Приступа А. А., Основные
ные растения и их использование,
73. *М. Хоҷиматов.*

РАНҶИҲО́ (Solanaceae), оилаи
нихои дупалла. А. алаф, ним-
, бутта, баъзан дарахт меша-
Дар байни А. хам растаниҳои
ор, зироатӣ, ороишӣ ва ҳам
нихои бегонаю захрнок воме-
д. Пардаарӯсак, картошка, по-
, тамоку, авранҷ, банҷ ва ғ. аз
и А. мебошанд. Барги А. қа-
атор ё рӯ ба рӯи бепешбарга,
яшон дучинсаи алоҳида-ало-
ё пимозӣ (тӯдагуле, ки ав-
гунчаи болоиаш мешукуфад),
сиашон панҷбаргаю гардбарг-
бештар 5-той. Меваи А. парм-
ё тӯзанакл. Дар минтақаҳои
ки, субтропики ва мӯътадил,
ар дар Америкаи Ҷанубӣ ва
ази 80 авлоду 3000 намуд, дар
10 авлоду 40 намуди А. воме-
д. Дар Тоҷикистон 14 намуди
ъ ва 12 намуди худрӯи А. мав-
ст.

РАҲОН (Lolium cuneatum), гиё-
тонаи як ё дусола, мансуби *хӯ-*
Поояш рост, то 25—80 см.
Баргаш чун барги
гандум, аз бугум
нумӯ мекунад. Хӯ-
шааш бесӯг, рост,
12—30 см дарозӣ
дорад. А. дар мо-
хи май гул кар-
да тухм мебандад.
Дар Осиёи Миёна,
Эрон ва Ҳимолой
пахн шудааст. Дар
ГСС Тоҷ. то ба-
ландии 1700 м дар
ва киштзорҳои лалмию обӣ
хурад. А.-ро тову аспи наз мехӯ-
Донаҳои аз занбурӯгак иллат-
А. захрноканд.

Сорные растения СССР, т. 1, Л.
Комаров Б. М., Определитель
ний Северного Таджикистана, Д.
А. Хамидов.

РО́РА (Aurora), дар асотири Ри-
адим олиҳаи шафаки субҳ, ки
ба худоҳо ва одамон равшаии
арад. Дар шакли ҷавонзани
р тасвир мешавад ва савори
рхаи аспонаш рахшон аз уқъ-
мебарояд. Муродифи Эоси асо-
тири Юнони қадим. Дар назм А.
рамзи нури шафақ.

«АВРО́РА», крейсери ҳарбии флоти Балтика, ки бо иштироки худ дар Рев. Октябрь машҳур гашт. С. 1903 сохта шудааст. Дар ҷанги Россияю Япония (1904—05) иштирок кард. Дар давраи Революцияи февраль, 28.2. (13.3.) 1917 матросҳои «А» шӯриш бардошта, киштиро ба даст гирифтанд. Шаби 25. 10. (7. 11.) 1917 «А» мувофиқи фармоии Комитети ҳарбии революционии Петроград бо роҳбарии комиссар А. В. Белышев пули Николайро (ҳоло ба номи лейтенант Шмидт) ишғол карда, аз ҷаз. Васильев барои ба маркази шаҳр дохил шудани Гвардияи Сурх роҳ кушод. Соати 21-у 45 дақиқаи 25. 10.



Крейсери «Аврора».

(7. 11) садои тӯпҳои «А» барои ҳуҷум ба *Қасри Зимистонӣ* ишора дод. Десанти «А» дар шӯриши яроқноки октябрь фаолона иштирок кард. «А» 2. 11. 1927 бо ордени Байраки Сурх ва февр. 1968 бо ордени Рев. Октябрь мукофотонида шуд. «А» аз 17. 11. 1948 дар Нева ҳамчун ёдгории Рев. Каб. Соц. Октябрь абадӣ нигоҳ дошта мешавад. С. 1957 дар «А» филиали Музеи марказии флоти ҳарбӣ ташкил ёфт. «А» дар айни ҳол киштии таълимии Омӯзишгоҳи ба номи Нахимови Ленинград мебошад. Дар музеи «А» сӯзание, ки дар он акси В. И. Ленин тасвир ёфтааст (амали *З. Баҳриддинова*), ҳамчун тӯҳфаи халқи тоҷик маҳфуз аст.

Ад: Пронин М. П., Легендарный крейсер, 2 изд., Л., 1960; Кулешов И. М., Бурковский Б. Б., Крейсер «Аврора», Л., 1962.

АВСТА́Н (юн. қадим. Austanes), яке аз сарвароии муборизаи аҳолӣ бар зидди қӯшуниҳои Искандари Мақдуни дар Паретакен (дар ҷануби Тоҷикистон). Мувофиқи фармоии Искандар бар зидди А. бо сардории лашкаркаши мақдунӣ Кратер аскари зиёде фиристода шуд. Дар муҳорибаи хунин дастаҳои А. шикаст хӯрданд, худи А. асир афтода (тақр. 329—327 то м.) қаҳрамонона ҳалок гардид.

И. Пьянков.

АВСТРА́ЛИЯ (Australia, лот. australis — ҷануби), материк дар Нимкураи ҷануби. Аз Шим. ба Ҷ. 3200 км (аз 10° 41′ а. ҷ., дим. Йорк то 39° 11′ а. ҷ., дим. Ҷануби Шарқӣ) ва аз Ғ. ба Ш. ба масофаи 4100 км (аз 113° 05′ т. ш., дим. Стип-Пойнт то 153° 34′ т. ш., дим. Байрон) тӯл кашидааст. А.-ро аз Ғ. ва Ҷ. уқ. Ҳинд, аз Шим. ва Ш. б-ҳои уқ. Ором — Тимор, Арафур, Марҷон, Тасман иҳота кардаанд. Масоҳати А. 7631,5 ҳаз. км² (бо ҷаз-ҳои Тасмания, Кенгуру, Мелвилл ва ғ. 7704,5 ҳаз. км²). Соҳилҳояш чандон ҳам каҷу килеб нест; дар Шим. хал. Карпентария, дар Ҷ. хал. Калони Австралия воқеанд. Нимҷаз. калонтаринаш Кейп-Йорк. Қадқади соҳили шим. шарқии А. рифи Калони Масдуд 2300 км тӯл кашидааст, ки он силсилаи ҷазираҳои марҷонӣ мебошад.

А.-ро сайёҳи голландӣ В. Янсзон кашф намуд (1606). А-ҳои 17—18 соҳилҳои А.-ро баҳрнавардони голландию англис Тасман, Кук, Флиндерс ва диг. тадқиқ кардаанд.

Рельеф. Қисми зиёди сатҳи А. ҳамвор, 95% он аз с. б. то 600 м баланд аст. А. ба се қисми калони орографӣ тақсим мешавад: 1) паҳнкӯҳи Австралияи Ғарбӣ (бал. миёнааш 400—500 м), ки бо кӯҳҳои баланд иҳота шудааст — аз Ш.— қ-кӯҳҳои Масгрейв (к. Вудрофф, 1515 м) ва Макдонелл (к. Зил, 1510 м), аз Шим. — массиви Кимберли (бал. то 936 м), аз Ғ.— қ-кӯҳи Хамерсли (к. Брус, 1226 м), аз Ҷ. Ғ.— қ-кӯҳи Дарлинг (бал. то 582 м); 2) пастии Марказӣ, дар ин ҷо бештар ҳамвориҳои аккумулятивии баландиашон аз с. б. то 100 м вуҷуд доранд. Мавзеи кӯли Эйр (аз с. б. 12 м паст) нуқтаи пасттарини А. ҳисоб меёбад. Дар Ҷ. Ғ. қ-кӯҳи Флиндерс ва Маунт-Лофти воқеъ аст; 3) қ-кӯҳи Бахшгоҳи Калон (кӯҳҳои Австралияи Шарқӣ) — кӯҳҳои на чандон баланди теғаҳояшон ҳамвор. Нишебаҳои шарқиашон рос-гфаромада, ғарбиашон ҳамвори зиназина буда, ба теппазори наздикӯҳӣ—даунсҳо табдил меёбанд. Дар Ҷ., дар Альпҳои Австралия, нуқтаи баланд-тарини А.— к. Косцюшко (2230 м) воқеъ аст. Рельефи ҳозираи А. асосан дар давраи токембрий шакл гирифта, пас чандон дучори табаддулоти тектоникӣ нашудааст. Минбаъд дар натиҷаи вайрон шудани кӯҳҳо ва аз ҷинсҳои таҳшин пур гаштани ҷойҳои фурӯҳамидаи материк мунчакӯҳҳо боқӣ монда, ҳамвориҳои васеъ ба вуҷуд омадаанд. Ба ҷои кӯҳҳои чиндори вайроншудаи палеозой қ-кӯҳи Бахшгоҳи Калон пайдо шуд. Дар ҳамвории Налларбор, к-ҳои Кабуд ва паҳнкӯҳҳои Баркли рельефи карстӣ вомехӯрад.

Сохти геологӣ ва сарватҳои зеризамини. Қисмҳои ғарбӣ ва марказии А.-ро платформаи давраи токембрий фаро гирифтааст, ки ҷинсҳои кристаллӣ ва метаморфии он дар Ғ. намудор буда, дар Ш. бо таҳнишастҳои кӯлу баҳрҳои эраҳои мезозою кайнозой пӯшидаанд. Канори шарқии А. аз минтақаи чиндори геосинклиналӣ иборат аст. Платформаи Австралия дар давраи токембрий аз

материкҳои диг. чудо буд, дар эраҳои мезозой ва кайнозой бо чазҳои Осиёи Чан. Шарқӣ, Гвинеяи Нав ва Зеландияи Нав муддате пайваст шуд. Платформа ба туфайли процессҳои тектоникии геосинклиналҳои атроф чанд навбат қад-қади кафидаҳои қишри замин ба ҳаракат омада, дар натиҷа кӯҳҳои Австралияи Маркази, массиви Кимберли ва г. пайдо шуданд. Аз сабаби дар давраҳои навтарини геологи баланд шудани соҳилҳои б. Тасман дар ҷои кӯҳҳои ҳамворшуда к-кӯҳи Бахшгоҳи Калон ба вуҷуд омадааст ва А. намуди ҳозираи худро гирифтааст. Ноҳияҳои чан. шарқии А. ва к-ҳои Тасмания дар аввали давраи чорумин (плейстоцен) яхбандиро аз сар гузаронидаанд. А. аз фосфорит ва маъданҳои полиметалл, оҳан, мис, ураи, тилло, вольфрам бой аст. Дар А. Шарқӣ конҳои ангишт ҳастанд. Аз регзори соҳилҳои шарқӣ ва чан. ғарбӣ маъдани титан истихроҷ мекунанд. Дар таҳшиштҳои баҳрии

Манзараи ав штати Виктория.

Ғарбӣ бороҳои тобистон (дек.—февр.) ва дар Ч. зимистон (июнь—авг.) меборад. Ба туфайли бодҳои сернам (пассатҳо), ки ҳам аз Шим., ҳам аз Ч. меваванд, дар қисми марказии А. хушксолӣ дер давом намекунад.

Соҳили уқьёнуси Ором дар наздикии Нарума.

даврахои гуногуни конҳои нефть ва газ кашф шудаанд.

Иқлим. Терр. А. ба се минтақаи иқлимӣ тақсим мешавад: қисми зиёдаш (байни 20° — 30° а. ч.) иқлими тропикӣ, дар шимоли он субэкватори, дар ҷануб субтропикӣ. Ҳарорати миёнаи яни (тобистон) аз 28° С дар Шим. то 20° С дар Ч., июль (зимистон) аз 20° С дар Шим. то 12° С дар Ч. Дар ноҳияҳои гармтарин (Марбл-Бар ва биёбони Симпсон) ҳарорати яни аз 40° С боло мебарояд. Зимистон ҳарорати пасттарин дар ноҳияҳои дохилии материк — 4° С,— 6° С, танҳо дар Альпҳои Австралия то — 22° С хунук мешавад. Боришоти солона дар 38% масоҳати А. камтар аз 250 мм аст. Дар гӯшаҳои шим. ва шарқии А. боришоти солона бештар буда, ба 1500 мм (дар Кэрнс 2242 мм) мерасад, вале минбаъд ба сӯи маркази материк кам шуда меравад (250—300 мм) ва боз дар Ч. Ғ. ва Ч. Ш. то 800—1000 мм меафзояд. Шимолтар аз хати Сидней — дар дим. Шимоли

Обҳои дохилӣ. Дар А. дарьёю кӯлҳо каманд. Ҳаҷми миёнаи солонаи оби ҷории дарьёҳо ҳамагӣ 350 км³. 7% масоҳати А. ба ҳавзаи уқ. Ором, 33% ба ҳавзаи уқ. Ҳинд таалуқ дорад. Дар 60% масоҳати ҳавзаи дохилӣ дарьёҳои муваққатӣ — крикҳо вомехуранд, ки танҳо аз боронҳои сел ташкил мегарданд. Дарьёҳое, ки аз кӯҳҳо сар шуда ба уқьёнус мерезанд, одатан кӯтоҳ буда, режими обашон номунтазам аст. Муррей (2570 км) ва шохоби он Дарлинг (2740 км) — дарьёҳои калонтарини А. ҳисоб мешаванд. Кӯлҳои калони шӯр — Эйр, Торренс, Амадиес, Герднер дар ноҳияҳои биёбонӣ воқеанд. А. обҳои зеризаминии фаровон дорад. Ҳавзаи Калони артезианӣ пастии Маркази (1736 км²) дар ҷаҳон калонтарин аст. Дар таркиби обҳои зеризамини намакҳои минерали зиёданд. Ин обҳоро асосан дар саноату наклиёт, обшор гардонидани дашту биёбон, чарогоҳҳо истифода мебаранд.

Ҳок ва наботот. А. олами набототи махсус дорад. Тақрибан 75% намуди растаниҳо эндемианд, яъне растаниҳое, ки танҳо дар А. меруёнд. Қисми зиёди Австралияи Ғарбӣ аз биёбонҳои регзору санглох (биёбонҳои Калони Регзор, Виктория, Гибсон) иборатанд ва фақат гиёҳҳои хӯшадор меруёнд. Шӯрзаминҳою заминҳои бӯрҳок ва бӯри сурхчатоби нимбиёбонҳоро бештар хорбуттаҳои зич (скрэбҳо) фаро гирифтаанд. Баробари афзудани боришот канорахои нимбиёбонҳо ба минтақаҳои саванноию бешаҳои тунук табдил меёбанд, ки ҳокашон сурх, дорчинии сурхчатоб ва дар Ш.— тирахоки тропикианд. Канорҳои материк (ба ғайр аз Ғ.) бешазор буда, дар Шим. ва Шим. Ш.— бешаҳои тропикии ҳамешасабз бо омехтаи набототи хоси ҳиндумалаӣ, ҷанубтар аз 26° а. ч.— бешаҳои субтропикӣ вомехуранд. Хоки бешаҳо турш ва бӯри ҳокистарин бешагӣ аст; хоки сурх ва зард низ вомехӯрад. Бешаҳо (асосан эвкалипт) қариб 6% масоҳати А.-ро пӯшидаанд.

Дарахти кӯзатана.

Эвкалипт чӯби сахт дорад ва аз он равган, моддахои даббогӣ мегиранд. Саваннахою бешахои сирак чун чарогоҳ истифода мешаванд.

Олами ҳайвонот. А. минтакаи зоогеографии хосест. Дар ин ҷо бисьёр намудҳои ҳайвонот ҳастанд, ки дар диг. материкҳо нестанд. мас. аз халтадорон—кенгуру, хирси коала, вомбатҳо; аз ширхорони оддии тухмэо—ехидна, муриобинӯл; мохии дубаҳра — перадот; аз паррандаҳо — шутурмурги эму, казуар, барбатдум, тӯтии какаду, куи сиёҳ ва г. мавчуданд. Тимсоҳ, калтакалосу морҳои заҳрнок бисьёранд. Саги динго яке аз намудҳои нодири ширхорҳои олӣ аст. Ҳайвонҳои хонагиро европоиҳо овардаанд.

Нохияҳои табиӣ. Аз рӯи шароити табии А. ба се нохияи калон тақсим мешавад: 1) Нахиҳкӯҳи Австралияи Ғарбӣ — аз ҷинсҳои қадимӣ иборат буда, рельефаш дар натиҷаи денудацияи дуру дароз ба вуҷуд омадааст. Ландшафташ биёбонӣ ва нимбиёбонии тропикӣ. Қисми марказиаш тамоман беоб аст. 2) Пастии Марказӣ — аз ҳад. Карпентария дар Шим. то ҳад. Калони Австралия дар Ҷ. тӯл мекашад. Ҳамвориҳои аккумулятивии он аз таҳнишастҳои баҳр ва кӯл таркиб ёфтааст. Аз канор то нохияҳои марказӣ иклим ба тадриҷ континентӣ шуда, ландшафти бешаҳои тунук ва саваннаҳо ба нимбиёбонҳою биёбонҳо иваз мешаванд. 3) Кӯҳи Баҳшгоҳи Калон — обгаҳии асосии дарьёҳо ва муайянкунандаи иклими А. буда, ландшафташ асосан бешазори кӯҳист. Ниг. низ *Иттифоқи Австралия*.

Тасвирро ниг. дар сах. 48—49.
Харитаро ниг. дар сах. 32—33.

Ад.: Физическая география частей света. М., 1963; Вопросы геологии Австралии. М., 1963; Свет Я. М., История открытия и исследования Австралии и Океании. М., 1966; Мухин Г. И., Австралия и Океания. 2 изд., М., 1967.

АВСТРАЛИҲО, 1) аҳолии аслии Австралия. Охири а. 18 дар қитъа 250—300 ҳаз. нафар буда, бештар аз 500 кабиларо ташкил медоданд. Забон ва нажоди махсус доштанд. Дар илм кабилаҳои курнай, парриньер, камилароӣ, каб, вакка, диер, арабана, аранда, варрамунга, ньоль-ньоль, карвера бештар маълуманд. Ҳар кабила ба шеваи худ ҳаф мезад. То а. 19 дар байни А. сохти ҷамоаи ибтидоӣ ҳукмрон буд ва аз одоти санги истифода мебурданд. Мубодилаи моли дар байни кабилаҳо ривоҷ дошт. Асосии диншонро тотемизм ва шаклҳои гуногуни афсунгарӣ ташкил медод. Ақидаҳо доир ба пайдоиши А. гуногунанд. Гумони ғолиб аст, ки аҷдоди А. дар охири давраи палеолит аз Осиё ба Австралия кӯчидаанд. Ҳафриёти бостонӣ, инчунин тадқиқоти антропологӣ, этнографӣ ва лингвистӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳамаи қабилаҳои А. аз як нажоданд. Охири а. 18 европоиён баробари мустамлика намудани Австралия ба қир кардани А. шурӯъ намуданд. Қисми боқимондаи онҳо дар нохияҳои беҳосил паноҳ ёфтанд. С. 1973 аҳолии маҳаллӣ ва дурагаҳо қариб 140 ҳаз. буданд.



Австралиягӣ аз кабилаи Аранда.

2) Миллат, аҳолии асосии Австралия. Шумораашон 13,6 млн (1976). Бо шеваи австралии забони англисӣ ҳаф мезананд. Диндорон — насронӣ. А. асосан авлоди *англисҳо, шотландҳо* ва *ирландҳои* муҳоҷиранд. Ҳиҷрати халқҳои ҷазираҳои Британия с. 1788 сар шуд. Аввалин гурӯҳи бадарғашудагон дар соҳили Австралия деҳаи Порт-Ҷексон (Сиднеи ҳозира)-ро бино карданд. С-ҳои 20 а. 19 ҳиҷрати ихтиёрӣ авҷ гирифт. Баъди дар Австралия ёфт шудани тилло дар зарфи 10 сол (1851—61) аз Англия ва қисман аз диг. мамлакатҳо бисьёр муҳоҷирон омала, аҳолии он қариб 3 маротиба афзуд ва бештар аз 1 миллион гардид. Ташаккули миллии А. дар аввали а. 20 ба туфайли пойдор шудани иқтисодиёти умумимиллӣ вусъат ёфт. Маданияти А. дар асоси маданияти муҳоҷирон ташаккул ёфт. Ниг. низ *Иттифоқи Австралия*.

Ад.: Народы Австралии и Океании, М., 1956; Мухин Г. И., Австралия и Океания. 2 изд., М., 1967.

АВСТРАЛОПИТЕКҲО (лот. australis — ҷанубӣ ва юн. pithekos — бӯзина, маймун), гурӯҳи маймунҳои одамшакл, ки дар охирҳои давраи секомини эраи кайнозой (2 миллиону 600 ҳаз. сол пеш) зистаанд. Археологҳо с. 1924 бори аввал боқимондаҳои А.-ро аз дашти Калахари (Африкаи Ҷанубӣ), баъдтар аз Африкаи Шарқӣ ва Марказӣ ёфтаанд. А. бо дуной мегаштаанд. Дандонҳояшон зич, магзи сарашон аз магзи сари маймунҳои одамшакли ҳозира калонтар будааст (500—600 см³). А. барои мудофиа ва ҳучум устухон, чӯб ва сангро истифода мебурдаанд. Баъзе

Расми косаҳонаи сари австралопитекҳо.

олимон А.-ро ба оилаи гомид (одамон) ва дигарон ба оилаи махсус мансуб мешуморанд.

АВСТРИЯ, Республикаи Австрия (лот. Austria, аз нем. қадим Ostarrichi — мамлакати шарқӣ), давлат дар Европаи Марказӣ. Бо РФГ, Чехословакия, Венгрия, Югославия, Италия, Швейцария ва Лихтенштейн ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 84 ҳаз. км². Аҳол. 7,5 млн нафр. (1975). Пойтахташ — ш. Вена.

Сохти давлатӣ. А. республикаи федеративӣ буда, аз 8 музофоти маъмурӣ: Бургенланд, Австрияи Боло, Австрияи Поён, Зальцбург, Каринтия, Штирия, Тироль, Форарльберг ва Венаи аз ҷиҳати маъмурӣ ба музофот баробар иборат мебошад. Конституцияи ҳозирааш с. 1920 қабул шудааст. Сардори давлат—президент, ӯро аҳолӣ ба мӯҳлати 6 сол интихоб мекунад. Органи олии қонунбарори ҳокимият — парламент аз 2 палата: палатаи поён — Совети миллӣ (183 депутат) ва палатаи боло — Совети федералӣ (58 депутат) иборат аст. Ҳокимияти иҷроияро ҳукумат ба амал мебарорад, ки аз канцлер, нои-би канцлер, вазирон ва статс-котибҳо иборат аст. Ҳар як музофот конституция, парламент (ландтаг) ва ҳукумати худро дорад.

Табиат. Қариб ³/₄ сатҳи А.-ро қ-кӯҳҳои Альпи Шарқӣ (қуллаи баландтаринаш Гросглокнер, 3797 м),

Австрия. Курорти Бадгастейн.

¹/₅ қисмашро водии Дунай ва нохияҳои пасту ҳамвори Штирия ва Бургенланд, боқимондаи онро кӯҳҳои на чандон баланди массиви Богем фаро гирифтаанд. Иқлими ҳамвориҳо ва доманаи кӯҳҳо континентии мӯътадил, дар Ғ. сернамтар аст. Ҳарорати миёнаи янв. аз —1° С то —4° С, июль аз 15° С то 18° С. Боришоти солона 500—900 мм; дар кӯҳҳо 1500—2000 мм. Қисми асосии терр. А. ба ҳавзаи Дунай, интиҳои Ғ. он.ба ҳавзаи Рейн мансуб аст. Дар ҳоки А. Дунай 350 км тӯл мекашад. Қариб 580 кӯл ҳаст, пайдоишашон асосан пирьяхӣ. 38% масоҳати А. бешазор аст. Дар баландии аз 2000 то 2700—3000 м маргзорҳои альпӣ воқеъ шудаанд. Дар минтақаи бешазор, асосан дар қӯруқҳо хелҳои нодири ҳайвонҳои европой: гаваз, шоҳгаваз, оху, хирс, гуроз, уқоби кӯҳӣ боқӣ мондаанд.

Аҳолӣ. Зиёда аз 97% аҳолӣ — австриҳо. Ғайр аз ин дар А. словениҳо, хорватҳо, чехҳо, венгерҳо, яҳудиҳо, гурӯҳҳои ҷудогонаи сербҳо ва лӯлиҳо зиндагӣ мекунанд. Забони давлатӣ — немисӣ. Зиёда аз 90% диндорон католик буда, бештар аз 6% дар мазҳаби протестант-лютеранҳоанд. Зиёда аз 70% аҳолӣ дар ҳавзаи Вена, водиҳои Дунай ва Рейн, ҳамвории Штирияю Бургенланд, ки қариб 20% мамлакатро ишғол кардаанд, зиндагӣ мекунад. Аҳолии шаҳрҳо 65%-ро ташкил медиҳад. Шаҳрҳои калони А.— Вена (1680 ҳаз. наф., 1976), Грац, Линц, Зальцбург, Инсбрук.

Очерки таърихӣ. Дар ҳоки А. одам аз давраи палеолит зиндагӣ мекард. А. аз охири а. 1 то м. то а. 5 м. ба ҳайати давлати ғуломдории Рим дохил буд. Дар давраи Муҳоҷирати бузурги халқҳо дар ҳоки А. қабилаҳои германӣ (асосан баварҳо) ва славянҳо (асосан словенҳо) сокин буданд, ки дертар аз онҳо халқи А. ташаккул ёфт. Дар охири а. 8 заминҳои А. ба ҳайати давлати Франкҳо ва баъди пароканда шудани он (843) ба давлати шоҳии Франки Шарқӣ (Германия) дохил шудаанд. Дар ҳоки А. Шарқӣ, ки онро охири а. 9 императори франкҳо Карли Кабир аз аварҳо кашида гирифт, Маркаи Авар (ё Шарқӣ) ташкил ёфт. Баъдтар Маркаи Шарқии Бавария ба вуҷуд омад ва дертар бо номи Марк-графии А. машҳур гардид. Соли таъсиси давлати А.-ро 1156 меҳисобанд. Дар ин сол А. ба герцогӣ табдил ёфт. Аз с. 1282 ҳукмронии ҳонадони Габсбургҳо сар шуд, ки он то с. 1918 давом дошт. Габсбургҳо дар назди худ вазифа гузоштанд, ки Европаро дар зери ҳокимияти амалии худашон ва ҳокимияти маънавии папаи Рим дар империяи ягонаи феодалию католикии фавқулмаллӣ муттаҳид кунанд. Ҳаракати васеи халқӣ ба муқобили калисои католикӣ (реформация), муборизаи зиддифеодалии деҳқонон дар Чехия ва Венгрияи Ғарбӣ ба сиёсати империявии Габсбургҳо зарбаи нахустин дод, ки ин ба ҷудошавии давлатҳои протестантӣ сабаб шуд (дар а. 16). Кӯшиши Габсбургҳо дар роҳи барқарор кардани католицизм дар а. 17 боиси ҷанги сисолаи умумиевропой гардид (1618—48) ва дар натиҷаи он сиёсати империявӣ-католикии Габсбургҳо шикаст хӯрда, гегемонияи онҳо дар Европа ба охир расид. Кӯшиши Габсбургҳо, ки империяи А.-ро бо ёрии сиёсати «мутлақияти маърифатпоҳ» пиҳоҳ доштанӣ буданд, низ муваффақият пайдо накард. Охири а. 17 — ибтидои а. 18 терр. мутлақияти Габсбургҳо ҳеле васеъ шуд. Дар натиҷаи ҷанги Австрияю Туркия (1683—99) ва дар ҷанг барои тақсими мероси Испания иштирок кардани А. ҳокимияти Габсбургҳо ба қисми зиёди Венгрия, Трансильвания, қариб тамоми Хорватия ва ҷанубӣ Нидерландия, ба баъзе музофотҳои Италия, Баната, Словения, Босния, Польша ва Буковина паҳн гардид. А. дар с-ҳои революцияи бузурги Франция ташаббускор ва иштирокчии интервенцияи зидди Францияи революционӣ, дар давраи ҷанги Наполеон иштирокчии иттиҳоди зидди Франция буд. Дар натиҷаи маглубияти Франция А. пурқувват гардид, ба он қисми зиёди мулкҳои аз даст рафтааш (баъди конгресси Вена — 1814—15) баргардонда шуд. С. 1848 дар А. революцияи буржуазии демократӣ сар зад. Бо вуҷуди шикаст хӯрдани революция баъзе муваффаниятҳои он боқӣ монд. Ислоҳоти аграрии с. 1848 (барҳам додани барщина, оброк ва диг. маҷбуриятҳо) барои тезтар тараққӣ кардани капитализм замина ба вуҷуд овард. С-ҳои 50—60-уми а. 19 А. дар соҳаи сиёсати берунӣ як ҷанд аарбаи саҳт хӯрд; муносибаташ бо Россия дар вақти ҷанги Крим (1853—56) якбора бад шуд, дар ҷангҳо бо подшоҳии Сардиния ва Франция (1859), бо Пруссия ва Италия (1866) шикаст хӯрд; дар натиҷаи с. 1867 ташкил ёфтани Иттифоқи Германияи Шимолӣ мутлақияти Габсбургҳо мавқеи давлати бузургро аз даст дод ва ба мутлақияти дугона — Австрия-Венгрия табдил ёфт. С-ҳои 60-уми а. 19 дар А. марксизм васеъ паҳн меша-

Вена. Маркази шаҳр. Дар маҳали нишон — бинои театри шаҳрӣ.

Зальцбург.

вад. С. 1888 Партияи с.-д. А. ташкил шуд. Ҳаракати революционии синфи коргар барои ҳуқуқҳои сиёсӣ ривоҷ ёфта, муборизаи миллӣ тезу тунд гардид. Дар ин вазъият як қисми буржуазияи А. мекӯшид, ки бо Германия иттифоқ баста, барои сиёсати худ такьягоҳ ёбад. С. 1879 иттифоқи Австрияю Германия (дар навбати аввал ба муқобили Россия ва Франция), с. 1882 Иттифоқи сегона баста шуд. Дар ибтидои а. 20 дар Австрия Венгрия ҳаракати коргарӣ авҷ гирифт. Сиёсати хориҷии Австрия-Венгрия дар ибтидои а. 20 аз пурзуршавии экспансияи Балкан иборат буд. С. 1908 А.-В. Босния ва Герцеговинаро ба худ ҳамроҳ кард. 28 июли 1914 ба Сербия, 6 авг. ба Россия ҷанг эълон карда, ҳамчун иттифоқчиёни Германия ба ҷанги якуми ҷаҳонӣ дохил шуд. Мағлубият дар фронтҳо, кризиси иқтисодӣ ва сиёсӣ дар дохили мамлакат, таъсири Рев. Каб. Соц. Октябрь боиси корпартоии умумӣ гардиданд (янв. 1918). Нахустин Советҳои депутатҳои коргарон ва солдатҳо ба вуҷуд омаданд. Окт.-нояб. 1918 дар А.-В. революцияи буржуази-демократӣ ғалаба кард. Давлати Габсбургҳо ба якчанд давлати мустақили буржуазӣ ҷудо шуд (Австрия, Венгрия, Чехословакия, як қисми терр. он ба Польша, Румыния ва Югославия гузашт). 12 нояб. 1918 А. республика эълон шуд. Ба буржуазия муяссар гардид, ки бо ёрии социал-демократҳои рост (К. Ренэр, О. Адлер, В. Адлер) сохти капиталистиро ҳимоя кунад. 1 окт. 1920 конституцияи республикаи буржуазии А. қабул гардид. Душворихои иқтисодие, ки ҷанг ва баъд кризиси умумии иқтисодии с.-хои 1929—33 ба миён оварданд, А.-ро аз ҷиҳати молиявӣ мутеи давлатҳои империалисти намуданд. Сардорони Ҳукумати А. барои халос шудан аз ин вазъият ба сӯи буржуазияи Германия майл менамуданд ва ҳатто баъзе роҳбарони партияи с.-д. ҳам тарафдори барҳам додани давлати А. ва ба ҳайати Германия дохил кардани он буданд. С. 1933 реакция ба ҳуҷуми ошкоро гузашт. Э. Дольфус, ки тарафдори робита бо Италияи фашистӣ буд, маҷбур шуд ба истеъфо барояд, парламент пароканда, озодии матбуот ва маҷлисҳо бекор, партияи коммунистӣ манъ шуд. Февр. 1934 коргарони Вена, Линц ва диг. шаҳрҳо ба отрядҳои фашистӣ, ки дар ҳама ҷо ба торумор кардани ташкилотҳои социал-демократӣ ва иттифоқҳои касаба сар карда буданд, муқобилати яроқнок нишон доданд. Воқеаҳои с. 1934 хиёнаткории оппортунистон — роҳбарони социал-демократияро ошкор сохтанд. Июли 1936 ҳукумати канцлери нав К. Шушниг бо Германия шартнома баст ва мувофиқи он А. дар амал ӯҳдадор шуд, ки ба сиёсати Германияи гитлерӣ пайравӣ кунад. Дар шаби арафаи 12-и марти 1938 қӯшунҳои фашистии немис ба А. даромаданд ва он ба рейхи Германия ҳамроҳ карда шуд. Фашизми Германия дар рафти ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз захираҳои бои А. истифода бурд. Бештар аз 1,5 млн австриягиҳо ба армияи фашистӣ сафарбар шуданд. Ҳазорҳо нафар сокинони А. қурбони террори фашистӣ гардиданд. Партияи коммунистии А. муборизаи пинҳонии зиддифашистиро вусъат дод, вале ҳаракати Муқобилат оммавӣ нагардид. Марти 1945 қӯшунҳои советӣ аз сарҳади А. гузаштанд ва 13 апр. 1945 Венаро озод карданд. А. ба 4 минтақаи ишғолӣ: советӣ, америкӣ, англисӣ ва франсавӣ ҷудо карда шуд. Дар терр. А. ба фаъолияти партияҳои сиёсӣ иҷозат дода шуд. Апр. 1945 дар Вена Ҳукумати Муваққатии А. ташкил ёфт. Ҳокимияти Олӣ дар дасти Шӯрои иттифоқчиён буд (иборат аз 4 комиссари олӣ: СССР, ШМА, Британияи Кабир ва Франция). Ҳукумати Советӣ с.-хои 1953—54 барои сабук кардани тартиботи ишғолӣ дар А. як қатор тадбирҳо андешид. 15 маи 1955 бо ташаббуси Иттифоқи Советӣ дар Вена намояндагони СССР, ШМА, Англия, Франция ва А. дар бораи барқарор кардани А.-и мустақил ва демократӣ ба Шартномаи давлатӣ имзо карданд. 26 окт. 1955 парламенти А. дар бораи бетарафии А. қонуни конституционӣ қабул кард. Вай мувофиқи ин қонун ӯҳдадор шуд, ки ба ҳеҷ як иттифоқи ҳарбӣ дохил нашавад ва дар терр. худ ба барпо кардани базаҳои ҳарбии хориҷӣ роҳ надиҳад. Шартномаи давлатӣ А.-ро ҳамчун давлати соҳибихтиёри мустақил ва демократӣ барқарор кард. Мамлакатҳое, ки ба Шартномаи давлатӣ имзо кардаанд, ӯҳдадор шуданд, ки истиқлолият ва бутунии территорияи А.-ро эътироф мекунанд. Сиёсати бетарафии А.-ро бештари давлатҳои дунёё мӯҳтарам мешумаранд.

Партияҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба. Партияи халқии Австрия, с. 1945 таъсис ёфта, асосан манфиати буржуазия ва заминдорони калонро ифода мекунад. Партияи социалистии Австрия, с. 1945 таъсис ёфта, ба Интернационали социалистӣ дохил мешавад. Партияи озоди Австрия, с. 1955 ташкил гардид. Он намояндагони буржуазияи миёна ва майда, собиқ нацистҳо ва диг.-ро муттаҳид мекунад. Партияи коммунистии Австрия, нояб. 1918 ташкил шуд. Партияи миллӣ-демократӣ, с. 1966 таъсис ёфт. Иттиҳодияи иттифоқҳои касабаи Австрия, апр. 1945 барпо гашта, 16 иттифоқи касабаи соҳавиро муттаҳид мекунад. Ба Конференцияи байналхалқии иттифоқҳои касабаи озод дохил мешавад.

Хоҷагӣ. А. мамлакати индустриявию аграрии ба дараҷаи баланд тараққикардаи капитализми давлатӣ-монополистӣ мебошад. С. 1971 ҳиссаи саноат ва ҳунармандӣ 42%, х. қ. ва ҷангал 7,5% арзиши маҳсулоти мамлакатро ташкил дод. Соҳаҳои саноати маъдан ва маснуот тараққӣ кардаанд. Қариб 0,7% маҳсулоти саноати олами капиталистӣ ба саҳми А. рост меояд (1971). Ба А. дараҷаи баланди концентрацияи истеҳсолот ва вазни қиёсии калони капитали хориҷӣ хос аст. Дар А. маъдани оҳан, сурбу руҳ ва мис истеҳсол мешавад. А. дар хоҷагии ҷаҳони капиталистӣ аз ҷиҳати истеҳсоли магнезит ҷои намоёнро ишғол менамояд. Истеҳсоли графит ва намаки ош ҳам аҳамияти зиёди хоҷагӣ дорад. Ҳосил намудани нефть ва газ торафт аҳамияти калон пайдо мекунад. Соҳаҳои асосии саноати маҳсулотбарорӣ мошинсозӣ ва металлкоркунӣ мебошад. Мошинсозии нақлиётӣ ва электротехникӣ, истеҳсоли таҷҳизот барои саноати маъдан, металлургӣ, бофандагӣ, дуредгарӣ ва хӯрокворӣ бештар тараққӣ кардаанд. Соҳаи асосии саноати сабук бофандагӣ аст; саноати чарму пойафзол, трикотаж ва дӯзандагӣ тараққӣ карда, саноати чӯбу тахта соҳаҳои зиёд дорад.

Аз тамоми заминҳои х. қ. (3,9 млн га) киштзор 40%, марғзору чарогоҳ 38%, марғзори альпӣ 22%-ро ишғол мекунад. Хоҷагиҳои майда аксариятанд. Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти молӣ фермаҳои капиталистӣ мебошанд. Асосӣ х. қ. чорводорист



Хайвонот хосе нокиши зоогеографии Австралия. 1. Мурчобибиши. 2. Курмуши халтадор. 3. Ежика. 4. Динго. 5. Кангуру чангали. 6. Ирмочарка. 7. Коала (мурчи халтадор). 8. Кошкадони халтадор. 9. Мурчи калчакуши. 10. Мурчи бихиштии гоби. 11. Эму. 12. Мурчи ноталии (телеостеи). 13. Бурчи халтадор. 14. Кенгуру вилмуссо. 15. Тутии корелла. 16. Вомбат. 17. Кабудак. 18. Калтакалоси вулвачаво. 19. Сумчари халтадор. 20. Сумчаби халтадор. 21. Калтакушии халтадор. 22. Моток. 23. Посуми халтадор. 24. Кажадуи гиях. 25. Мурчакурии халтадор. 26. Кажадуи ниха. 27. Чайлапушка. 28. Кенуар. 29. Асалхурак. 30. Мурчи бихишти калон. 31. Хуки пачуас. 32. Калтакалоси чатрвардак. 33. Куи сиях.



„Савера ва мири шикор".
Аиваи Абулхасаним Мусаввир (Недируззамон).
Мактаби сеҳъати тасвирии Теҳуриёни Ҳинд,
аввали асрҳои в. 17.

Ба мас. Абулҳасани Мусаввир.

(зиёда аз 60% арзиши тамоми маҳсулоти х. қ.). Бештар ғалла (ғандум, ҷавдор, ҷуворимакка) мекоранд, дар ҷои дуюм — зироати хўроки чорво, баъд картошка ва зироати техникӣ менстанд. А. эҳтиёҷи худро аз хўрокворӣ 84% таъмин мекунад. Дар ҳамлу нақли дохилӣ нақлиёти роҳи оҳан роли асосӣ мебозад; $^1/_3$ шабакаи роҳи оҳан электриконида шудааст. Дарозии роҳҳои дохилии обӣ 1733 км. Бандарҳои асосӣ: Линц, Вена. Аэропорти Вена (Швехат) аҳамияти байналхалқӣ дорад. Туризм соҳаи сердаромади иқтисодиёт мебошад (ҳар сол то 10 млн турист). Бештар аз 25% маҳсулоти умумии миллӣ ба хорича фурўхта мешавад; дар баробари ин аз хорича ба миқдори зиёд ашёи хом, сўзишворӣ ва хўрокворӣ оварда мешавад. С. 1974 арзиши умумии экспорт 133,3 млрд шиллинг, импорт — 168,3 млрд шиллингро ташкил дод. Ҳарифони асосии савдои А. мамлакатҳои Иттиҳодияи иқтисодии Европа (ЕЭС) мебошанд (56% импорт, 39% экспорти с. 1972). Ба саҳми мамлакатҳои социалистӣ 10,1% импорт ва 12,5% экспорт рост меояд. Воҳиди пул — шиллинг.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1971 таваллуд ба 1000 сокин 14,6 наф., фавт 13,1, фавти кўдакон ба 1000 кўдаки навзод 26,1 нафарро ташкил дод. Беморихои ғайрисироятӣ бештаранд; аз беморихои сироятӣ сил, гепатити вогир ва г. бештар паҳн шудаанд. С. 1971 дар А. 320 беморхонаи дорои 73,9 ҳаз. кат (10,9 кат ба 1000 наф.) буд, 13,9 ҳаз. духтур (1 духтур ба 530 наф.) кор мекард, ки аз онҳо танҳо 243 нафарашон дар хизмати давлатӣ буданд.

Маориф. Системаи маорифи халқи А. мураккаб буда, он аз боғчаҳои бачагон сар мешавад (с. 1969 дар онҳо бештар аз 114 ҳаз. бачагон тарбия меёфтанд). Соли таҳсили 1969—71 дар мактабҳои таълими ҳатмӣ 887 ҳаз., дар мактабҳои миёна 150 ҳаз. ва дар системаи маълумоти касбӣ бештар аз 216 ҳаз. хонанда буд. Дар А. 4 ун-т ҳаст (ун-тҳои Вена, Грац, Зальцбург ва Инсбрук). Ба ҷумлаи донишкадаҳои калонтарини олӣ мактабҳои олии техникии Грац ва Вена, Мактаби олии маъданшиносии Леобен ва диг. мансубанд. Соли таҳсили 1969—70 дар мактабҳои олӣ 56,3 ҳаз. студент буд.

Китобхонаҳои калонтарин: Китобхонаи Миллии Вена, китобхонаи Ун-ти Вена, китобхонаи Ун-ти Грац. Музейҳои асосӣ дар Вена воқеанд: Нигористони Академияи санъати тасвирӣ, Нигористони Австрия, Музеи бадеию таърихӣ, музейҳои Л. Бетховен, И. Гайдн, В. Моцарт, Ф. Шуберт ва г.

Матбуот, радио, телевизион. Дар А. қариб 300 газета ва журнал чоп мешавад. Ба ҷумлаи муҳимтарин нашрияҳои даврӣ инҳо дохиланд: «Wiener Zeitung» («Газетаи Вена»), с. 1703 таъсис ёфтааст, органи расмии ҳукумат; «Arbeiter Zeitung» («Газетаи коргарӣ»), с. 1889 таъсис ёфтааст, органи марказии Партияи социалистӣ; «Die Presse» («Матбуот»), с. 1848 таъсис ёфтааст, манфиати доираҳои савдою саноатро ифода мекунад; «Volksstimme» («Овози халқ») — органи марказии Партияи Коммунистии А. То с. 1968 дар А. 361 станцияи давлатӣ ва хусусии радио ва 116 станцияи телевизион буд. Ғайр аз забони немисӣ бо забонҳои сербию хорватӣ, чехӣ ва маҷорӣ низ программа шунавонида мешавад.

Адабиёт. Адабиёти А. а. 12 ба вуҷуд омадааст. Адабиёти диниӣ ба забони лотинӣ инкишоф меёфт. «Достони Нибелунгҳо» ба давраи нашъунамои маданияти рыцарии Вена тааллуқ дорад; дар а-ҳои 12—13 миннезингерҳо (ғазалсароёни рыцарӣ) шўхрат доштанд. Асарҳои Вальтер фон дер Фогельвейде (1170—1230) бо сурудҳои халқӣ алоқаи қавӣ доштанд. Шеърҳои сиёсии ў ба муқобили тартиботи папа навишта шудаанд. Дар а-ҳои 13—14 адабиёти ҳаҷвии бюргерӣ пайдо шуд. Дар достонҳои кўтоҳи ҳаҷвӣ (шванка) феодалҳо, рыцарьҳо, рўҳониён масхара карда мешуданд. Шоир Генрих Тейхнер (а-ҳои 14—15) аристократияро масхара ва одамони оддиро ҳимоя мекард. Шоир, драматург ва муаррих Конрад Цельтис (1459—1508) ифодакунандаи гояҳои давраи Эҳьё дар адабиёти А. гардид. Адабиёти а. 16 дар зери таъсири сиёсати иртиҷоии Габсбургҳо ва католицизм буд. Дар а-ҳои 17—18 И. Страницки дар мазҳака ва пьесаҳои худ анъанаҳои реалистии театри халқиро инкишоф медиҳад. Ҷараёни асосии нимаи 1-уми а. 19 романтизм гардид. Романтизми А. дар эҷодиёти драматург Ф. Грильпарцер хусусияти хоси миллӣ пайдо кард. Романтизми революционӣ дар назми Н. Лепау бештар зоҳир гардид. Пайдоиши реализм дар наср ба с-ҳои 50-уми а. 19 мансуб аст (роман ва новеллаҳои А. Штифтер). Фалсафаи субъективии идеалистии Э. Мах равияи «Модерн»-и Венаро ба вуҷуд овард (Г. Бар, П. Альтенберг, Р. Шавкаль, Г. Гофмансталь, А. Шницлер). Ин равияро К. Краус аз мавқеи прогрессивӣ танқид кард. Дар ибтидои а. 20 лирикаи Р. М. Рилькe ва Г. Тракль ба авҷи инкишоф расид. Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар ад. А. экспрессионизм мавқеи асосӣ ишгол кард. Экспрессионистҳои тараққипарвар дар атрофи Ф. Верфель ва Э. Фридель, экспрессионистҳои иртиҷоӣ дар атрофи М. Брод — ҷамъ омаданд. Дар давраи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ эҷодиёти пурихтилофи Ф. Кафка, Р. Музиль, Г. Брох ва И. Рот инкишоф меёбад. Анъанаҳои хоси романи ҳаҷвӣ нашъунамо мекунанд (Э. Канеци, Г. Мейринк). Эҷодиёти *С. Цвейг*, ки устоди новеллаҳои психологӣ буд, ба с-ҳои 20-ум тааллуқ дорад. Дар давраи зўраи ба Германияи фашистӣ ҳамроҳ кардани А. бисьёр нависандагони пешқадам муҳоҷират карданд (Рот, Музиль, Цвейг, Брох). Адабиёти А. баъди аз истилои фашистӣ озод шудан ба давраи нави инкишоф қадам монд. Ғояҳои социалистӣ дар эҷодиёти Б. Фрей, Г. Гуперт — мутарҷими назми советӣ (хусусан асарҳои В. Маяковский), Э. Пристер садо медиҳанд. Дар с-ҳои 50—60-ум насрнависони бомаҳорат — Х. Айзенрайх, Ф. Гумлер, Ф. Каин, шоирон — И. Бахман, А. Окопенко, Г. К. Артман, В. Шмид ба арсаи адабиёт қадам ниҳоданд.

Меъморӣ, санъати тасвирӣ. Дар А. ёдгориҳои санъати давраи ибтидоӣ («Зўхраи Виллендорфӣ», палеолит), маданияти Рими Қадим, услубҳои асримиёнагӣ-романӣ (а-ҳои 11—13 — калисоҳои Гурке ва Зеккау) ва *готика* (а-ҳои 13—15 — калисои ҷомеи Стефани валӣ дар Вена) боқӣ мондаанд. Маданияти давраи Эҳьё, ки а. 15 дар меҳробҳои калисо (М. Пахер) зуҳур ёфт, дар а. 16 нашъунамо

Альпҳои Тироль.

кард (биноҳои шаҳрҳо, қасрҳо, мучассамаҳои А. Пильграм, суратҳои В. Хубер). Ривочи санъати А. ба услуби *барокко* а-ҳои 17—18 алоқаманд аст (меъморон И. Б. Фишер фон Эрлах, Л. Хильдебранд, ҳайкалтарошон Б. Пермозер, Р. Доннер ва диг.). А. 19 дар меъморӣ классицизм ба эклектизм ва нақшу ороиши зоҳирӣ (Г. Земпер, К. Хазенауэр), дар нақкоши ба самимияти романтикӣ (И. А. Кох, М. Швинц) ива— мешавад. Дар а-ҳои 19—20 «услуби модерн» (меъморон Й. Ольбрих, О. Вагнер, Й. Хофман, нақкош Б. Климт) ба вучуд омада, баъд дар меъморӣ мавкеи ҳудро ба функционализми ҳозира дод (А. Лоз, Й. Франк, Р. Райнер), дар нақкошӣ ва графика—экспрессия ва фантастика (Э. Шиле, О. Кокошка, А. Кубин), дар ҳайкалтарошӣ—абстракционизм (Ф. Вотруба) инкишоф ёфтанд.

Мусиқи. Хусусияти маданияти мусиқии А. ба сермиллатии ҳаёти аҳолии он ва таъсири маданияти мусиқии мухталиф, аз ҷумла маданияти мусиқии германӣ, чехӣ, маҷорӣ, ҳорватӣ, италиявӣ ва г. вобаста мебошад. Маданияти мусиқии халқии А.-ро аз ибтидои асрҳои миёна ҳофизони оворагард ва штильманҳо, баъд ватанҳо—мактабиён, рохибон ва муаллимон паҳн мекарданд. Нахустин асарҳои бисьеровозаи халқӣ охири а. 14 ба майдон омаданд. Дар ибтидои а. 16 спектакльҳои оммавии студентон яъҳоя бо мусиқии ҳор ва рақсӣ ба ҳукми анъана медароянд. С-ҳои 40 уми а. 17 дар Вена операи дарбор ба вучуд омад. Дар саҳнаи театри императори (таъсис. 1652) операҳои бастакорони италияви (А. Чести, Н. Порпора, А. Сальери ва диг.) гузошта мешуданд. Дар давоми а. 17 жанри сурудҳои демократи ва мусиқии инструментали инкишоф ёфт. Дар байни бастакорони буҷурги а. 18 И. Фукс мавкеи намоён дорад. Комьёбии олитарини маданияти мусиқии А. дар давраи маорифпарвари бо равияи классикии Вена (аз нимаи 2 уми а. 18) алоқаманд аст, ки асосгузорони ин К. В. Глюк, И. Гайдн, В. А. Моцарт ва Л. Бетховен (бастакори немис, сокини Вена) буданд.

Ф. Шуберт дар нимаи 1-уми а. 19 саромади равияи романтикии дар мусиқии А. гардид. Намояндаи романтизми соми Г. Вольф дар нимаи 2 уми а. 19 жанри сурудро инкишоф дод. Бастакори барҷастаи симфонинависи австрияи А. Брукнер ҳамроҳи бастакори немис И. Брамс дар инкишофи мусиқии симфонии Европа роли калон бозид. А. ватани вальс аст (а. 19 Й. Ланнер ва оилаи Штраусҳо). Дар а-ҳои 19—20 машҳуртарин намояндаи мусиқии симфонии Вена Г. Малер буд, ки ганҳои инсонпарвари ва навовариро бебозгашт у ба инкишофи жанри симфонӣ таъсири калон расонданд.

Намояндагони «равияи нави Вена» (баъди с. 1900 пайдо шуд) А. Шёнберг, А. Веберн, А. Берг ба экспрессионизми мусиқӣ наздик буданд. Дар эҷодиёти онҳо фоҷиаи инсони а. 20 дар ҷамъияти буржуазӣ инъикос ёфтааст. Дар с-ҳои 30-юм, хусусан баъди ба зӯрӣ ба Германияи фашистӣ ҳамроҳ кардани А., мусиқии А. таназзул ёфт. Ҳаёти мусиқии А. с. 1945, баъди озод шудани Вена, барқарор гардид.

Ад.: Сальковский О. В., Австрия, М., 1959; Белецкий В. Н., Советский Союз и Австрия, М., 1962; Степанов Л. Л., Австрия, М., 1966.

АВСТРИЯ-ВЕНГРИЯ, давлати дугонаи мутлақи муттаҳид. С. 1867 дар асоси созиши синфҳои ҳукмрони Австрия ва Венгрия ташкил ёфт, ки мақсади ин созиш бо ёрии заминдорони калони Венгрия ва буржуазияи Австрия дар дохили империя ҳаракати миллию озодихоҳиро пахш намудан ва хавфи аз мутлақияти Габсбургҳо тамоман ҷудо шудани Венгрияро пешгирӣ кардан буд. А. В. дар натиҷаи шикаст дар ҷанги якуми ҷаҳон ва охири с. 1918 ривоҷ гирифтани ҳаракати коргарӣ ва миллию озодихоҳӣ барҳам хӯрд. Дар ҳудуди А. В. давлатҳои Австрия, Венгрия, Чехословакия ташкил ёфта, қисми ҳудуди он ба Югославия, Польша, Румыния гузашт. Ниг. низ *Австрия*.

АВСТРИҲО, миллат, аҳолии асосии Австрия (такр. 97%), бештар аз 7 млн (1975), зиёда аз 2 млн дар Италия (Тироли Ҷанубӣ), Америка (асосан дар ШМА) ва диг. мамлакатҳо зиндагонӣ мекунанд. Забони адабиашон—немисӣ. Қариб 90% диндорон — католик, боқимондаашон — протестант. А. ҳамчун халқ аз қабилаҳои германӣ (алеманиҳо, баварҳо, свевҳо), инчунин кельтҳо, ретамҳо, иллириҳо ба вучуд омадааст. Ба ташаккули маданияти А. муносибати таърихии Австрия бо мамлакатҳои ҳавзаи Наздидунай ва нимҷаз. Апеннин ва он омил, ки вай муддате дар ҳаёти Австрияю Венгрияи сермиллат дохил буд, таъсир расонид. Қариб 70% А. дар шаҳрҳо зиндагонӣ мекунанд.

Ад.: Народы зарубежной Европы, т. 1, М., 1964.

АВТАРКИЯ (юн. autárkeia, аз autós — ҳуд ва arkéo — осудаам), дар доираи мамлакати алоҳидаи капиталисти ба вучуд овардани ҳоҷагии маҳдуди мустақил, ки боиси қатъи алоқаҳои анъанавии иқтисодии байналхалқӣ мегардад. Сиёсати А. комилан мухолифи талаботи тақсими байналхалқии меҳнат аст. Давлатҳои таҷовузкори империалистӣ сиёсати А.-ро барои ба вучуд овардани ҳоҷагии мустақил истифода мебурданд, то ки он дар шароити муҳосираи иқтисодӣ ба таъмини тамоми эҳтиёҷоти ҷанг кобил бошад. А. назарияи расмии иқтисодии фашизм аст.

АВТО... (юн. autos — ҳуд), қисми таркиби калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) мансубият ба шахси ҳуд, шахсан иҷрокарда (мас., автопортрет, автограф); 2) мансубият ба автомобиль (мас., автовокзал); 3) ҳудкор, автоматӣ (мас., автогрейдер, автоблоконӣ).

АВТОБЛОКОНӢ, ба тавра автоматӣ табдил додани режими кори объект ҳангоми рӯй додани ҳолати авария; мас., А.-и хати автоматии дастгоҳҳо ҳангоми вайрон шудани режими кори ягон дастгоҳ кори тамоми хатро бозмедорад; маҷмӯи таҷҳизоти автоматӣ, ки ҳангоми идораи кори мошин, аппарат ё асбобҳо ба амалиёти нодуруст роҳ намедиҳад.

АВТОВОКЗАЛ (аз *авто...* ва *вокзал*), комплекси иншоот барои хизмати пассажирони автобусҳои байнишаҳрӣ ва наздишаҳрӣ. Дар шаҳр-

Намуди умумии Автовокзали марказии Душанбе.

ҳои калон А.-ро дар мавзеи охирини хати нақлиёт месозанд. А. аз бинои пассажирнишин, қароргоҳи автобусҳо ва саҳни наздивокзал иборат аст. Дар бинои А. барои пассажирон шароитҳои мусоид мавҷуданд.

Автовокзали марказии Душанбе, ки майдони 4,2 га-ро ишғол мекунад, дар як шабонарӯз ба 10 ҳаз. нафар пассажирон хизмат мерасонад. Он якбора бо 24 маршрут (ба шаҳру районҳои республика, ш. Тирмиз ва районҳои Деҳнаву Сариосиёи РСС Узбекистон) автобусҳоро раҳсипор карда метавонад. Ин А. бинои маъмурию шӯъбаҳои хизматрасонӣ, зали пассажирнишин барои 1200 кас, қаҳвахонаи дорои 100 ҷои нишаст, чойхонаи дорои 50 ҷои нишаст, хонаи истироҳати ронандагон барои 180 кас, хонаи модарони кӯдакдор, шӯъбаи алоқа, нуқтаҳои хизмати маишӣ ва г.-ро дарбар мегирад. *Ҳ. Раҳматов.*

АВТОГЕНЕЗ (аз *авто...* ва юн. genesis — пайдоиш), ҷараёни идеалистӣ дар назарияи эволюция (таҳаввул), ки инкишофи олами органикиро чун процесси новобаста ба шароити беруна медонад (инкишоф бо омилҳои дохилӣ ва ғайримоддии ҳуди организм идора мешавад). Мувофиқи концепцияи автогенетикӣ мавҷудоти зинда хусусияти пешакӣ маълум ва бомақсад дорад. А.-ро Ч. Дарвин, К. А. Тимирязев ва диг. сахт танқид кардаанд.

АВТОГРАФ (аз *авто*... ва юн. grapho — менависам), 1) дастнавис ё имзои шахсии касе. 2) Асли нусхаи матн, ки худи муаллиф навиштааст, дастнависи худи муаллиф. А. сарчашмаи аз ҳама мўътабар буда, дар асоси он матни саҳеҳ, боэътимод ва вариантҳои асарҳои ходимони давлатӣ, нависандагон, санъаткорону олимонро муайян сохта, ба чоп ҳозир мекунанд, лабораторияи эҷодии ҳар муаллифро меомўзанд. А. яке аз маъхазҳои асосии илми *матншиносӣ* мебошад. А.-и аксар нависандагон ва олимони гузаштаи форс-тоҷик то замони мо нарасидаанд ва ягон муассисае ҳам онҳоро ҷамъ накардааст. Дар баъзе китобхонаҳои олам, аз ҷумла, дар Ин-ти шарқшиносии АФ СССР, Ўзбекистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон чанде аз онҳо маҳфузанд. А.-и мўътабарро дар Архиви давлатии адабиёт ва санъат, дар ганҷинаи дастнависи китобхонаҳои оммавӣ, музейҳо, ин-тҳо ва г. нигоҳ медоранд. А.-и К. Маркс, Ф. Энгельс, В. И. Ленин дар Ин-ти марксизм-ленинизми назди КМ КПСС, қисми зиёди А.-и нависандагони советӣ дар Архиви давлатии адабиёт ва санъати СССР, А.-и А. С. Пушкин дар Ин-ти адабиёти рус, А.-и А. М. Горький дар Ин-ти адабиёти ҷаҳонии АФ СССР, А.-и С. Айнӣ дар музеи С. Айнӣ мавҷуд аст. Дар Архиви давлатии республикавии Тоҷикистон шўъбаи адабиёт ва санъат ташкил шудааст, ки А.-и адибону санъаткорон гирд оварда мешавад. А.-и нависандагон ва олимон дар лавҳи унвони китоб ба номи толиби он ҳамчун ёдгорӣ низ сабт мешавад.

С. Табаров.

АВТОГРЕЙДЕР (аз *авто*... ва *грейдер*), мошини ҳудгарди чархдор барои тахту ҳамвор кардани ҳоктўда, ҷойгардон, шиббаю мусаттаҳ кардани замину масолеҳи роҳсозӣ, кандани фарш, кофтани ҷўй ҳангоми

сохтмону таъмири роҳ, аэродром, каналҳо обёрӣ ва г. Қисми кории А. ҳоҳгардон ва кафлесметини 7—11-дандона мебошад. А. бо асбобҳои мусоиди мошинҳои дигар — бульдозер, борбунак, барфтозакунак низ ҷиҳозонида мешавад.

АВТОКЛАВ (аз *авто*... ва лот. clavis — калид), аппарати герметикиест, ки дар он процессҳои гуногуни физикию химиявӣ бо ҳарорат ва фишори баландтар аз ҳарорату фишори атмосферӣ гузаронида мешаванд. Чунин шароит процессро тезонида маҳсулнокии онро меафзояд. А. дар саноати химия, гидрометаллургия, резин, масолеҳи бинокорӣ, ҳўрокворӣ (ҳангоми тайёр кардани консерв ва витамин), фармацевтӣ ва дар ҷарроҳӣ барои беуфунатонӣ ва г. васеъ истифода мешавад. А. мувофиқи соҳаҳои истифодааш бо ҳарорат ва фишори гуногун кор мекунад. Вай бо манометр, термометр, соат ва г. ҷиҳозонида мешавад.

АВТОКОД, забони соддаи программасозӣ. Нег. *Забони программасозӣ.*

АВТОКРАТИЯ (юн. autokrateia — autos — худам, kratos — ҳокимият), шакли идоракунӣ, ҳукмронии номаҳдуди як шахс дар давлат (нег. *Мутлақият*). А. чун сохти сиёсӣ, ки дар шароити он тамоми ҳокимиляти олӣ дар ихтиёри ҳокими мутлақ аст, ба *монархияҳои* истибдодии давлатҳои Шарқи Қадим, ҳукмронии мустабидона дар Юнони Қадим, империяҳои Рим ва Византия хос буда, ба зўрӣ ва яроқ такья мекард. Дар давраи истибдоди фашистӣ А. яке аз зуҳуроти ҳокимияти номаҳдуд ва ҳудсарии шахсии Гитлер (дар Германия), Муссолини (дар Италия) барои диктаторҳо буд.

АВТОЛ (аз *авто*... ва лот. ol (eum) — равган), равгани мотор, равгани минералие, ки барои равганкунии муҳаррики дарунсўзи карбюраторӣ истифода мешавад. А.-ро равгани автотракторӣ низ меноманд. А. асосан аз нефтъҳои Боку ва нефтъҳои сульфурдори районҳои шарқӣ истеҳсол мешавад. Аз рўи ғализӣ ва усули тозакунӣ тасниф шуда, навъҳои бо кислотаи сульфат тозашудаи АК-6, АК-15, АКЗп-6, АКЗп-10 истеҳсол мешаванд. Инҳо вобаста ба навъи муҳаррик (автомобилӣ, тракторӣ ва г.) ва минтақаву фасл (шимол, ҷануб, баҳор, зимистон) истифода мешаванд.

АВТОЛАППИШ, нег. *Лаппиш.*

АВТОЛИЗ, аутолиз (аз *авто*... ва юн. lysis — вайроншавӣ, инҳилол, пўсиш), худ аз худ вайроншавии бофтаҳои организми ҳайвонот, растанӣ ва микроорганизмҳо. Ҳангоми А. ангиштоб, чарб, сафедаи ҳуҷайра аз таъсири ферментҳои гидролитии ҳуҷайра инҳилол меёбанд. Дар организмҳои зинда А. дар қисмҳои беҷоншуда ва дар ҳуҷайраҳои иллати зиштдоштаи онҳо мушоҳида карда мешавад. А. ҳангоми вайроншавии ҷасади мурда низ рўй медиҳад. Дар растаниҳо А. дар натиҷаи аз ҳарорати паст мурдани ҳуҷайраҳо, хушкшавӣ, таъсири моддаҳои заҳрнок (хлороформ, толуол ва г.), нигунии мавриди ба таври механикӣ порашавии бофтаҳо сар меҳанад. А.-и ҳуҷайраҳои микроб ҳангоми фарсуда шудани микробҳо ва аз таъсири омилҳои химиявию физикӣ ё биологӣ иллат пайдо кардани микроорганизмҳо рўй медиҳад. А. дар баъзе процессҳои технологӣ, ферментопии тамоку, чой, силосопии хўроки чорво ҳам мушоҳида карда мешавад.

АВТОМАКС, дорупошаки дастӣ барои муборизаи зидди ҳашароти зараррасони наботот, дезинфекцияи анбор, молхона ва гармхонаҳо. А. маҳлули заҳрнокро бо фишори 200—300 КПа (2—3 атм) пош медиҳад. Чунин хелҳои А.: ОРП, ОРП-А, ОРП-В, ОРП-Г мавҷуданд, ки онҳо бо сохти резервуар (заррфи газу моеъ), насос ва қисми дорупошаки худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

АВТОМАТ (юн. automatos — худкор), олат ё маҷмўи олоту таҷҳизоте, ки ичрои ягон амал ё процессро бе иштироки бевоситаи инсон анҷом медиҳад. А.-ҳо барои афзоиши ҳосилнокӣ ва сабук гардондани меҳнати инсон, идораи процессҳои хатарнок ва г. истифода мешаванд. Мошини (олоти) А.-ро баъзан ба кор андохта соз кардан, минбаъд кори онро ҳоҳ-ҳоҳ назорат кардан лозим мешавад. А.-ҳо як цикли амалиётро анҷом дода, ба ичрои цикли нав шурўъ менамоянд. Мас., дар з-ди автоматонидашудае, ки поршени муҳаррикҳои автомобиль мебарорад, аз металлгудозӣ сар карда то тайёр шудани поршеньҳо, сара ва ҷо ба ҷо кардани онҳо ҳаман амалиётро А.-ҳо ичро мекунанд. Нимавтомат баъзан ичрои ягон амал худ аз худ бозменистад ва ба коргар лозим меояд, ки онро аз сари нав ба кор андозад. Аз рўи вазифа А.-ҳо ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд: А.-ҳои ченкунӣ, назорат, танзимкунӣ (регуляция) ва идоракунӣ. А. ва нимавтоматҳо дар саноати мошинсозӣ, саноати бофандагӣ, саноати озуқа, х. қ., корҳои ҳарбӣ ва г. васеъ истифода мешаванд. Мас., он қисми тухмипошак, ки ҳангоми кишти пахта ба ҳар чуқурча 5 донагӣ чигит мегузорад, яке аз А.-ҳои оддӣ мебошад.

АВТОМАТИЗМ, 1) дар физиология, ҳобилияти узв ё ҳуҷайраҳои ҷудогона, ки фаъолияти мунтазам, даврӣ ё ғайридаврии худро бе алоқамандӣ аз барангезандаҳои берунӣ ба амал меорад (мас., кори дил, ҳаракати рўдаҳо, ҳаракати протоплазмаи ҳуҷайраи растанӣ ва г.). 2) Дар психология, амале, ки ҳариб бе назорати шуур ичро карда мешавад. Бар хилофи процессҳои физиологӣ (нафаскашӣ, кори дил ва г.), амалиётҳои психикӣ аввал таҳти назорати шуур гузашта, пас тадричан ба ҳадди омўзиш автоматӣ мегардад ва ҳамчун асоси малакаҳои

гуногун зуҳур меёбад, мас., ҳаракатҳои рокаанда ҳангоми идораи автомобиль.

Ад.: Запорожец А. В., Развитие произвольных движений, М., 1960.

АВТОМАТИКА, соҳаи илму техника буда, назария ва принципҳои сохтани системаҳои идоракуниро, ки бе иштироки бевоситаи инсон амал мекунанд, дарбар мегирад. Ҳамчун илм А. дар асоси назарияи *танзими автоматӣ* ба вуҷуд омад. Ин назария бо корҳои Ҷ. К. Максвелл (1868), И. А. Вышнеградский (1872—78), А. Стодола (1899) ва диг. асос пайдо кардааст. А. ҳамчун фанни мустақил с-ҳои 40 ташаккул ёфт. Инкишофи А. чун соҳаи техника ба тараққиёти *автоматҳо*, олоти автоматӣ ва комплексҳои автоматонида зич алоқаманд аст. Дар зинаи ташаккульёбии худ А. ба механикаи назариявӣ ва назарияи занҷиру системаҳои электрикӣ такья мекард, ҳалли масъалаҳои танзими фишор дар дегҳои бухор, гашти поршень дар мошинҳои буғӣ, суръати чархзании мошинҳои электрӣ, идораи кори дастгоҳҳои автоматӣ ва ғ.-ро дар бар мегирифт. Дар нимаи дуюми а. 20 воситаҳои техникии А. бо роҳи татбиқи васеи олоти автоматонии идора ва ташаккули системаҳои боз ҳам мураккабтари автоматӣ инкишоф ёфт. Мас., А. дар саноат аз автоматонии агрегатҳои ҷудогона ба автоматонии комплексии цеху а-дҳо гузашт. Барои идораи объектҳои аз ҳам ба масофаи дур воқеъ гашта (мас., комплексҳои азими саноатию энергетикӣ, системаи идораи аппаратҳои париши кайҳонӣ ва ғ.) А аз принципҳои телемеханика истифода мебарад. Дар зинаи ҳозираи инкишофи А чон назарияи танзими автоматиро назарияи таъмимшудаи идоракунии автоматӣ гирифтааст, ки ҳаман ҷиҳатҳои назариявии А-ро дар бар мегирад ва асоси назарияи умумии идоракуниро ташкил медиҳад.

АВТОМАТОНИДАНИ ПРОГРАММАСОЗӢ, ниг. *Программасозӣ*.

АВТОМАТОНИИ ИСТЕҲСОЛОТ, процесси инкишофи истеҳсолоти мошинӣ буда, дар он вазифаи назорату идора, ки пеш дастӣ ичро карда мешуд, ба зимма асбобу олоти автоматӣ гузошта мешавад. Мақсади А. и. афзоиши самараи меҳнат, беҳтар кардани сифати маҳсулот ва истифодаи пурраи захираҳои истеҳсолот мебошад. А. и. се навъ мешавад: ҷузъӣ, комплексӣ ва мукаммал. Ҳангоми автоматонии ҷузъӣ амалҳои ҷудогонаи истеҳсолӣ автоматонида мешаванд. Дар мавриди автоматонии комплексӣ қитъа, цех, а-д ва манбаи энергия (станцияи электрӣ ва ғ.) чун комплексе ягона ба ҳам автоматонида амал мекунанд. Автоматонии мукаммали истеҳсолот дараҷаи олии автоматонӣ буда, идора ва назорати процессҳои истеҳсолот низ аз тарафи системаҳои автоматӣ ба амал оварда мешавад. А. и. вобаста ба шароити ичтимоӣ ва иқтисодӣ оқибатҳои гуногун дорад: дар давраи капитализм А. и. ба зиёд шудани даромади капиталистон, афзудани миқдори бекорон, бад шудани шароити зиндагии меҳнаткашон ва паҳн гардидани ҳар гуна беморихое, ки аз меҳнати пуршиддат ба вуҷуд меоянд, оварда мерасонад. Дар давраи социализм А. и. меҳнатро сабук, ҳосилнокии онро афзун, арзиши аслии маҳсулотро арзон, музди корро баланд мекунад. А. и. шароити моддӣ ва мадании меҳнаткашонро баланд мебардорад, зеро комьёбиҳои он барои некӯаҳволии омми меҳнаткашон истифода мешавад. А. и. яке аз омилҳои асосии революцияи илмию техникӣ буда, барои инсоният имконияти беинтиҳои дигаргунсозии табиатро ба вуҷуд меорад.

Дар Иттифоқи Советӣ А. и. ҷариб дар ҳаман соҳаҳои хоҷагии халқ татбиқ мешавад. Аксари процессҳои идора ва танзими кори электростанцияҳои обӣ, ҳаратӣ ва атомӣ, системаҳои энергетикӣ, технологияи коркарди химиявии ашьёи хом, сара кардани канданиҳои фоиданок, сохтмон, металлургия, саноати мошинсозӣ, радиотехника ва ғ. автоматонида шудаанд.

А. и. дар Тоҷикистон аз татбиқи автоматҳои ҷудогона оғоз ёфт. Сипас, хатҳои автоматии цехҳои автоматӣ ба кор даромаданд. Ҳоло корхонаҳои пурра автоматонидашуда амал мекунанд. Мас., дар з-ди нуриҳои азотии Вахш процессҳои технологӣ бевосита аз пульти марказӣ идора мешаванд. Дар з-ди «Тоҷиккабель» аввалин дар СССР хати автоматии истеҳсоли симҳои изоляциядор ба кор андохта шуд. Дар республика бисьёр станцияҳои насосии пурқиҳтидор автоматӣ кор мекунанд. С. 1975 дар республика зиёда аз 11 ҳазор олоти автоматию нимавтоматӣ, 21 цеху қитъа ва 5 корхонаи автоматонида амал мекарданд. Ниг. низ *Автомат*, *Автоматика*.

АВТОМАТҲОИ САВДО, олоте, ки ҳангоми ба пулгирахи он андохтани танга мол медиҳад; барои фурӯши автоматии молҳои гуногун истифода мешавад. А. с. ду навъанд: барои молҳои донабайъ (газета, гӯшвад, марка, билети воситаҳои нақлиёт) ва барои моеот (нӯшокӣ, шарбату шароб). Конструкцияҳои А. с. хеле гуногун, вале принципи корашон ба ҳам мушобеҳанд. А. с. аз корпус (тана), магазини ашьё, пулгирак, механизми молдиҳанда ва касса иборат аст. Ҳангоми ба А. с. андохтани танга вазни он системаи фашангиро ба кор меандозад ё контактҳои электрикиро менайвандад, ки дар натиҷаи он механизми молдиҳанда ба кор медарояд. Дар мавриди зарурӣ автоматҳои моеот бо дозатор ва таҷҳизоти сард ё гармкунанда таъмин карда мешаванд.

АВТОМЕТАМОРФИЗМ (юн. autos — худ ва metamorphosis — мубаддалшавӣ), тағйир ёфтани ҷинсҳои кӯҳии магмавӣ дар рафти сахтшавии он аз таъсири маҳлул ва моддаҳои бухоршавандаи магмаи сардшаванда.

АВТОМОБИЛИ ЗИРЕҲПӮШ, мошини чархдори ҷангии зиреҳпӯш ва мусаллаҳест, ки барои разведка, муҳофизат ва алоқа таъин шудааст. Аввалин А. з.-и бо тӯпу пулемётҳо мусаллаҳ дар Англия сохта шуд (1900—1902) ва дар ҷанги англису бурҳо (1899—1902) истифода шуд. Армияи рус охири ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) бо 160 А. з. мусаллаҳ

Автомобили зиреҳпӯши советӣ барои разведкаю дидбонӣ.

буд. Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) А. з.-ро армияҳои гуногун истифода бурданд. Аслиҳаи А. з. аз тӯпу пулемётҳо, экипажи он аз 3—4 кас иборат аст. Суръати максималии А. з.— 90—100 км/с., захираи гашт — 500—750 км. А. з.-и ҳозиразамон метавонад рӯ-рӯи об шино кунад ё так-таки об аз убургоҳе гузарад, ки то 1,4 м чуқур аст ва ин гуна А. з. асбобҳои гуногуни оптикии мушоҳида ва биниши шабона, радиостанцияҳо ва ғ. дорад.

АВТОМОБИЛЬ (аз *авто*... ва лот. mobilis — мутаҳаррик), воситаи нақлиёти берельс, ки тавассути муҳаррик ба ҳаракат меояд.

С. 1752 механики ҳаваскор, деҳқони губернияи Нижегород Леонтий Шамшуренков аробачаи худгардеро сохт, ки бо қувваи пойҳои ду одам ба ҳаракат меомад. Ихтироъкори рус И. П. Кулибин с-ҳои 1784—91 фойтуни худгардиро се ва чаҳорчарҳаро буньёд кард, ки дар он як қатор механизмҳо, аз ҷумла қуттии таҳвил, механизми руль, тормоз, подшипникҳои роликиро истифода бурд. Ин механизмҳо минбаъд такмил ёфта, дар А.-ҳои ҳозира низ истифода мешаванд. Пайдоиши мошини буғӣ барои ихтироъкорони А. имконияти калон ба вуҷуд овард. С-ҳои 1769—70 Ж. Кюньо дар Франция, У. Мёрдок ва Р. Тревитик дар Англия А.-и буғӣ сохтанд. Ихтироъкорони рус низ лоиҳаҳои гуногуни А.-ҳои буғиро пешниҳод карданд.

Дар охири а. 19 барои ба вуҷуд овардани А.-ҳои муҳаррикашон электрикӣ (бо энергияи батареяи аккумуляторҳо коркунанда) таҷрибаҳои зиёде гузаронида шуд. Инженери рус И. В. Романов с. 1899 конструкцияи фойтуни электриро пешниҳод кард. Ихтирои дифференциал (с. 1828, О. Пеккёр, Франция), шинаи пневматӣ (1845, Р. Томпсон, Англия), чархҳои барандаи идорашаванда (1816, Г. Лангеншпергер, Германия) ва ғ. ба инкишофи конструкцияҳои А. таъсири калон расонд.

Ихтирои *муҳаррики дарунсӯз* А.-ро чун воситаи нақлиёт маъмул гардонд. С. 1885 Г. Даймлер (Германия) мотоцикли муҳаррикаш бо бензин коркунанда сохт, с. 1886 ҳамватани ӯ К. Бенц барои автомобили сечархаи чунин муҳаррикдор патент гирифт. Истеҳсоли саноатии А. пеш аз ҳама дар Франция равнақ ёфт. Автомобильҳои аввалини Франция «Панар Левассор» ва «Де Дион-Бутон» с-ҳои 1890 пайдо шуданд. С. 1892 Генри Форд (ШМА) аввалин А.-и худро сохт ва с. 1903 ба истеҳсоли саноатии он оғоз кард. Дар Россия с. 1908 аввалин А.-и «Руссо-Балт» сохта шуд. Аввалин А.-и советӣ АМО-Ф 15 с. 1924 пайдо шуд. С. 1932 дар СССР истеҳсоли серияги А.-и ГАЗ-А оғоз ёфт.

Аз с. 1894 пойгаҳои автомобилӣ мунтазам гузаронда мешавад, ки дар инкишофи конструкцияҳои А. роли намоён бозид. Агар дар пойгаи аввалин суръати миёнаи А. 24 км/с бошад, баъди 5 сол ин суръат ба 70 км/с расид; с. 1904 суръати миёнаи А. ба 100 км/с ва с. 1907 ба 114 км/с баробар шуд.

Аз рӯи таъинот А. нақлиётӣ, махсус ва пойгавӣ мешавад. А.-и нақлиётӣ барои кашондани бор ва одамон хизмат мекунад ва ба он А.-ҳои сабукрав, боркаш ва автобусҳо мансубанд. А.-ҳои сабукрав болопӯшида ва болокушод мешаванд. Онҳо аз 2 то 8 пассажир кашонда метавонанд. Дар кузови А.-ҳои боркаш аз 0,25 то 100 т ва аз он ҳам зиёд борро кашондан мумкин. А.-ҳои боркаш бекузов ҳам мешаванд (ниг. *Ядакмошин*). Автобус барои кашондани пассажирон хизмат мекунад. А.-ҳои махсус бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин буда, барои ичрои корҳои муайян (мас., А.-ҳои оташнишон ва *мошинҳои коммуналӣ*, автолавка, автокран ва ғ.) хизмат мекунанд. А.-ҳои пойга барои иштирок дар пойгаҳо ва мусобиқаҳои спортӣ, аз ҷумла гузоштани рекорди суръат пешбинӣ шудаанд. Аз ҷиҳати гузаронӣ А.-ҳои дар роҳи автомобильгард, дар бероҳаҳо ва дар роҳҳои душворгузар мегаштагӣ мавҷуданд.

Автомобиль асосан аз муҳаррик, трансмиссия (механизми таҳвили қувва), қисмати гашт, механизми идора, таҷҳизоти электрӣ, кузов барои кашондани бор ё пассажирон ва кабина (дар А.-и боркаш) иборат аст. Муҳаррики А.-ҳои сабукрав ва боркаши камиқтидор бо бензин, муҳаррики А.-ҳои пуриқтидор ва автобусҳои бисьёрҷоя бо сӯзишвории дизелӣ (карасин, лигроин ва ғ.) кор мекунад (ниг. *Муҳаррики автомобиль*). А.-ҳои муҳаррикашон бо газ коркунанда низ мавҷуданд. Муҳаррики А.-ҳои электрӣ бо энергияи батареяи аккумуляторҳо кор мекунад. *Трансмиссия* моменти чархзаниро аз муҳаррик ба ҳаракатдиҳандаи А. (чарх, тасмачарх ва ғ.) таҳвил мекунад. Трансмиссия аз муфтаи илҳоқ (барои ба муддате аз муҳаррик ҷудо кардани трансмиссия ва боз ҳамвор пайваст кардани онҳо), қуттии таҳвил, таҳвили карданӣ, механизми таҳвили асосӣ ва дифференциал иборат аст. Қисмати гашторо рама, овеза ва меҳвару чархҳо ташкил медиҳанд. Механизми идораи А. системаи руль ва системаи тормозро дар бар мегирад. Системаи рули автомобиль барои тағйири самти ҳаракат хизмат мекунад. Дар СССР ва диг. мамлакатҳое, ки ҳаракати росттарафаи нақлиёт маъмул аст, А.-ро аз тарафи чап идора мекунанд ва баръакс. Ин диди роҳро, алалхусус ҳангоми пешгузарӣ, беҳтар мекунад.

Таҷҳизоти электрикии А. аз манбаи ҷараён (батареяи аккумуляторҳо ва генератори электрикӣ, ки дар муҳаррик шинонда шудааст) ва истеъмолкунандаҳои он (системаҳои афрӯзишу корандоз, чарағҳои дохилию берунӣ ва сигнализация) иборат аст.

Дар СССР конструкцияи А.-ҳо рӯз аз рӯз беҳтар мегардад. Такмили конструкцияи А. ба омилҳои гуногун, мас., шароити роҳу иқлим, шумораи пассажирон, ҳаҷми боркашонӣ ва ғ. вобаста аст. Ҳангоми тартиб додани лоиҳаи А.-ҳо конструкторон гунҷоиш, мустаҳкамӣ, мӯҳлати хизмат, гузаронӣ, шакли зоҳирӣ, осонии идора барин сифатҳои онҳоро ба ҳисоб мегиранд. Саноатамон ҳоло А.-ҳои сабукрави «Волга», «Москвич», «Жигули», «Запорожец» ва А.-ҳои пуриқтидори ЗИЛ-130, МАЗ-500, КрАЗ-257, КрАЗ-258, БелАЗ-540, БелАЗ-548, КамАЗ, «Урал-377», автобусҳои туристии ЛАЗ-697 ва ғ. истеҳсол мекунад.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 32—33.

Ад.: Чудаков Е. А., Советский автомобиль, М., 1952; Автомобиль. Описательный курс, под ред. Г. В. Зимелева, 4 изд., М., 1955.

А. Исмоилов.

АВТОМОРФИЗМ, ниг. *Изоморфизм.*

АВТОНОМИЯ (аз *авто*... ва юн. nomos — қонун; autonomia — айнан истиқлолият), худидоракуни, соҳибихтиёрии миллии қонунӣ дар дохили давлати муайян, ки бо конституция мустаҳкам карда мешавад. Ниг. *Муҳторият.*

АВТОПИЛОТ (аз *авто*... ва франс. pilote — роннанда), олатест барои автоматӣ идора кардани *аппарати пириш* (самолёт, вертолёт, снаряди идорашаванда ва ғ.). Фикри сохтан ва тарҳи А.-ро К. Э. Циолковский с. 1898 пешниҳод кардааст. Дар СССР аввалин А. с. 1932 сохта шуд. А. даставвал барои стабилизацияи ҳаракатҳои кунҷии самолёт (ҳаракат нисбат ба маркази массаҳо) хизмат мекард. Ин имконият медод, ки режими матлуби парвоз бе иштироки пилот нигоҳ дошта шавад. Такомули минбаъдаи А. ба автоматонии ҳамаи режимҳои парвози аппарати пириш (аз оғоз то анҷоми парвоз) имконият дод. Ингуна А.-ҳо ҳам рульҳо ва ҳам муҳаррикҳои аппарати паришро автоматӣ идора мекунанд. Ба туфайли ин парвози зумраҳои гуногуни аппаратҳои пириши бепилот (ракета, самолёт-снаряд, радифони маснӯи Замин ва ғ.) имконпазир гардид. А. ғайр аз автоматҳо ба *системаҳои танзим* ва идораи худи А. низ дорост. Энергияи барои кори А. заруриро муҳаррики самолёт дар намуди энергияи электрӣ ё ҳаво ва равғани таҳти фишорбуда медиҳад.

АВТОРАДИОГРАФИЯ, радиоавтографияи, усули фотоэмульсионии тадқиқи тақсимоти моддаҳои радиоактив дар объекти тадқиқшаванда. Фотоэмульсияи ба нурҳои радиоактив ҳассосро дар рӯи объект молида муддати муайян мегузоранд. Моддаҳои радиоактиви таркиби объект гӯё тасвирашонро дар эмульсия худашон сабт мекунанд. Аз ин ҷост, ки процессро А. номидаанд. Тасвири фотографии тақсимоти моддаҳои радиоактивро дар объекти тадқиқшаванда, ки бо усули А. ҳосил карда мешавад, авторадиограмма ё радиоавтограф меноманд.

Авторадиограммаи тақсимоти фосфор (P^{32}) дар барги помидор.

Барои муайян кардани таксимоти моддаҳои радиоактив дараҷаи сиёҳшавии фотоплёнкаҳои объекти тадқиқшаванда ва намунаи эталониро муқоиса мекунанд (макрорадиография) ё адади изҳои дар фотоэмульсия гузоштаи заррачаҳои ионизоро бо воситаи микроскопи оптикӣ ё электронӣ мешумуранд (микрорадиография). Усули А.-ро дар ҳама мавридҳои истифодаи *индикаторҳои изотопӣ* (дар физика, техника, биология, тиб, хоҷагии қишлоқ ва г.) татбиқ менамоянд. Усули мазкур на танҳо дар таркиби объект чи навъ ҷойгиршавии радиоизотопҳоро муқаррар мекунад, балки барои муайян кардани миқдори онҳо низ имкон медиҳад, зеро адади донаҳои баркарорнагардидаи нуқраи таркиби эмульсия ба миқдори заррачаҳои фурӯбурдаи фотоэмульсия мутаносиб мебошад.

Истифодаи А. имконият медиҳад, ки дар бораи миқдори элементҳои радиоактиви таркиби намунаҳои маъданӣ, таксимот ва ҳаракати элементҳои радиоактиви табиӣ дар бофтаҳои органикӣ ва наботӣ ва г. маълумоти аниқ ба даст оварда шавад.

АВТОРЕФЕРАТ (аз *авто...* ва лот. refero — маълумот медиҳам), баёни мухтасари асари илмӣ, ки худи муаллиф навиштааст (мас. А.-и диссертация).

АВТОРИТАРИЗМ (лот. autoritas — ҳокимият, таъсир), системаи ҳукмронии сиёсӣ зиддидемократӣ. А. барои системаҳои сиёсии иртиҷоиятарии давлатҳои капиталистӣ хос мебошад (Мас., тартиботи собиқи фашистӣ дар Германия, Испания ва г.). А. чунин шакли ҳукмронӣ ва тартиботи сиёсӣ мустабидест, ки дар он расму ойдаҳои қабули қарорҳои демократӣ таъмин вуҷуд надоранд ё ҳуқуқ фақат характери зоҳирӣ доранд. Зеро ҳокимият аз тарафи халқ ташкил ва назорат карда намешавад. Ҳокимият амалан дар дасти гурӯҳи хурди бартаридошта мебошад. А. ба аппарати ҳарбии ҷазоиҳо такья карда усулҳои террорӣ ҷазоро васеъ истифода мебарад.

АВТОРИТЕТ (лот. autoritas — ҳокимият, нуфуз), эътибор, таъсири аз тарафи умум эътироф гардидаи шахс ё ташкилот. Нег. *Обру*.

АВТОСТОП (аз *авто...* ва англ. stop — ист), ҷиҳатеҳ барои автоматӣ боздоштани поезд дар мавриди гофил мондани машинист аз сигналҳои светофор ва боз доштани поезд ё кам кардани суръатро талаб мекунад. Истифодаи А. фалокатҳоро, ки дар натиҷа ба сигналҳои светофор диққат надодани машинисти локомотив рӯй додаанд, мумкин аст, пешгирӣ мекунад.

АВТОТРАНСФОРМАТОР, *трансформатори электрикӣ*, ки ҳамаи симпечҳои он ба тарзи галвонӣ ба ҳам



Схемаи электрикии автотрансформатор:
$U_б$ — шиддати баланд;
$W_б$ — симпечи шиддати баланд;
$U_п$ — шиддати паст;
$W_п$ — симпечи шиддати паст.

пайваст шудаанд. Дар мавриди лозим будани коэфф. хурди трансформация А. назар ба трансформаторҳое, ки бисьёр симпеч доранд, сабук ва арзон аст. А. дар олати корандози муҳаррикҳои электрикии пуриқтидори ҷараёни тағйирёбанда чун табдилдиҳандаи шиддати электрӣ, дар схемаҳои ҳимояи релеӣ барои тадриҷан ҳаҷм кардани шиддат ва г. хизмат мекунад. Дар А.-и ҳаҷмшаванда ба туфайли ҷойивазкунии механикии контакти симпечи дуюм, ҳангоми дар симпечи якум тағйир ёфтани шиддат дар симпечи дуюм шиддати матлуб доимӣ нигоҳ дошта мешавад.

АВТОХТОН (юн. autochton — маҳаллӣ, такҷой), он ҷинсҳои кӯҳӣ ва сарватҳои зеризаминие, ки аз моддаҳои такҷой ҳосил шуда, дар ҷои пайдоиши худ барқарор мондаанд. Мас., ангиштеро, ки аз растаниҳо дар ҷои сабзиши онҳо пайдо мешавад, ангишти автохтонӣ меноманд. Дар тектоника — қисми структураҳои чиндоре, ки пас аз вайроншавиҳои тектоникӣ дар ҷои худ мондаанд. Мукобили истилоҳи А.— *аллохтон*.

АВӮЛ, Овул, деҳа дар С. қ. Испечаки р-ни Ленин, РСС Тоҷ., Терр. к-зи «Победа». То маркази район 30 км; роҳ. асфальт. Аҳол. 1921 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Варзоб обьёрӣ мешаванд.

АВФӢ عوفی Нуруддин Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Усмони Бухорӣ (тав. байни 1172—76, Бухоро— с. ваф. номаълум), шоир, нависанда ва адабиётшиноси форс-тоҷик. Давраи бачагӣ ва таҳсили ибтидоии А. дар Бухоро гузашта, илмҳои таъриҳ, адабиёт, фиқҳ, санъати хаттотӣ ва г.-ро омӯхтааст. Вай ҳангоми дар Бухоро таҳсил карданаш бо як қатор олимон ва шоиру нависандагони давр — Доиё Насафӣ, Шамсуддин Муҳаммади Марвӣ, Ашрафии Самарқандӣ, Ғизолии Хуҷандӣ ва г. мусоҳиб гардидааст. А. пас аз итмоми таҳсил с. 1201 ба Самарқанд рафта, ба хизмати дарбор дохил мешавад ва ба мансаби соҳиби девони иншо мерасад. А. дар Самарқанд аз донишмандони замон Абӯбакри Насафӣ ва Шамсуддини Боқиловӣ сабақ меомӯзад. С. 1203 ӯ ба сафар баромада, бисьёр шаҳру ноҳияҳо: Марв, Хоразм (1203), Ҳирот, Нисо (1206), Систон (1207), Нишопур (1210), Қазвин, Исфиҳор ва г.-ро мебинад. А. дар ин мусофирати худ ба сӯҳбати олимон, шоирон ва адибони зиёде мерасад ва ниҳоят с. 1219 ба Бухоро бармегардад. Дар охири с. 1220 ё аввали с. 1221, баъди ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кардани мӯғулҳо А. ба Ҳиндустон муҳоҷират мекунад. Дар вилояти Синд ба хизмати Носируддини Қубоча дохил шуда, бо вазири ӯ Айнулмулук Фахруддин тарҳи дӯстӣ меафканад. Бо ҳоҳиши ӯ дар байни с-ҳои 1221—22 А. таҳкираи *«Лубоб-ул-албоб»*-ро таълиф кардааст. А. чанде дар ш. Канбоят ба қозиҳӣ расида ва дар он ҷо с. 1223 асари Абӯалии Танукӣ (а. 10) «Ал-фарач баъд-аш-шидда» («Осоиши баъд аз азоб»)-ро аз арабӣ ба форсӣ тарҷума кардааст. Пас аз ин ба ш. Уч рафта, бо ҳоҳиши Носируддини Қубоча ба таълифи асари дигари худ *«Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт»* («Маҷмӯаи ҳикоёт ва ривоёти дурахшон») сар мекунад. Баъди аз тарафи Шамсуддин Илтутмиш (1211—36) барҳам зада шудани ҳокимияти Носируддини Қубоча (1228) А. дар қатори диг. аъёну ашрофи дарбор ба дасти Шамсуддин Илтутмиш афтода ва аз с. 1228 сокини Деҳлӣ гардид. А. ба ҳоҳиши вазири Шамсуддин Илтутмиш — Низомулмулки Ҷунайдӣ таълифи «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-ро, ки нотамом монда буд, давом дода, дар с. 1233 онро ба охир мерасонад. Инчунин А. дар пайравӣ ва вазни «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саной бо номи «Мадоеҳ-ус-султон» асари манзуме таълиф карда будааст, ки то ба мо нарасидааст. Муаллиф танҳо ду байти онро дар боби 12 қисми аввали «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» овардааст. Дар бораи ҳаёти минбаъдаи А. дар сарчашмаҳои адабӣ ва таъриҳӣ ахборот ба назар намерасад. Бобои А. Шарофуддин Абӯтоҳир Яҳьёи Авфӣ низ шоир буда, аз ашъори ӯ абьёти пароканда боқӣ мондааст.

Ас.: Гулчини «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт», Д., 1966;

محمد عوفی، بخارائی، لباب الالباب، باهتمام و تصحیح برآون، لیدن، ۱۹۰۶؛ جوامع الحکایات و لوامع الروایات، تهران، ۱۳۳۵ ه. ش.

С. Воҳидов.

АВЧИНТЕППА, яке аз ёдгориҳои *Маргиёни* қадим дар қисми шарқии резишгоҳи д. Мурғоб (РСС Туркм.) Ба нимаи дуюми ҳазорсолаи дуюми то м. тааллуқ дорад. Майдони асосии қасаба 100 × 100 м. А. аз хишти хом сохта шудааст. Аз қабрҳои ин ҷо асбоби гуногуни қиматбаҳо ёфт шудаанд. Дар қатори бозьёфтҳо заррҳои сафолии дастӣ ва дар чархи кулолӣ тайёр кардашуда, минчоҳҳои сангин, нӯғҳои найза, дастпонаҳои мисин ва г. ҷолиби диққатанд. Бозьёфтҳои А. дар омӯзиши таъриҳи қабилаҳои *Маданияти Вахш* аҳамият дорад.

В. А. Раков.

АВҒОНОВА Гулбаҳор (тав. 1926, қиш. Тешиктош, р-ни Орҷоникидзеобод), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1957). С-ҳои 1940—47

колхозчӣ, 1948—59 сардори звено ва аз с. 1960 колхозчии к-зи «Гулистон»-и р-ни Орҷоникидзеобод. Звенои А. с-ҳои 1955—56 аз ҳар га 48—54 ц ҳосили пахта рӯёнд. А. бо ордени Ленин, 2 медаль ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АВҲАДӢИ МАРОҒӢ اوحدی، مراغی Рукнуддин ё Авҳадуддин ибни Ҳусайни Исфаҳонӣ (1274 Марога — 8. 3. 1338 ҳамон ҷо), шоири мутасаввифи форс-тоҷик. С. 1308 ба сафари шаҳрҳои Султония, Ҳамадон, Исфаҳон, Карбало, Димишқ, Кӯфа, Баҳдод ва ғ. баромада, с. 1311 ба зодгоҳаш Марога бармегардад. С. 1314 бозгоҳи Исфаҳонро пеш гирифта, қариб 20 сол дар он ҷо зиндагӣ кард ва бисьёр асарҳо навишт. С. 1333 ӯ аз Исфаҳон ба Марога муҳоҷират кард ва то охири умр дар он ҷо монд.

Мероси адабии А. М.-ро як девон, маснавиҳои «Даҳ нома» ё ки «Мантиқ-ул-ушшоқ» ва «Ҷоми Ҷам» ташкил медиҳанд. Девони ӯ аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, таркиббанд, тарҷеъбанд ва мураббаъ иборат буда, зиёда аз 10.000 байтро дар бар мегирад. Маснавии «Даҳ нома» (с. 1307, 514 байт) асосан мазмуни ишқии ирфонӣ дорад ва аз даҳ номае иборат аст, ки ошиқу маъшуқ ба якдигар навиштаанд. А. М. дар ин номаҳо ба масъалаҳои рӯзмарраи зиндагӣ ва ахлоқи аҳли ҷамъият низ дахл кардааст. «Ҷоми Ҷам» (қариб 5000 байт) с. 1334 дар пайравии вазни маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноии Ғазнавӣ таълиф ёфта, бузургтарин асари А. М. мебошад. Вай аз муқаддима, хотима ва се давр (фасл) иборат аст. Даври нахустин дар бораи маншаъ ва мабдаи офариниш, даври дуюм, ки фасли калонтарин ва асосист, дар бораи ахлоқ ва даври сеюм дар бораи охират ва ҷаннату дӯзах баҳс мекунад. А. М. дар қасида, ғазал ва маснавиҳояш мисли бисьёр муосирони худ аз тасаввуф ҳамчун воситаи ифодаи андешаҳои эътирозомез моҳирона истифода бурда, афкори ичтимоию сиёсӣ, фалсафӣ ва танқидии худро асосан дар зери пардаи ақидаҳои динию тасаввуфӣ баён кардааст. Дар ашъори лирикӣ ва маснавиҳои А. М. танқиди зулму золимӣ ва ахлоқи бад, тарғиби адлу дод ва ахлоқи писандида, ҳаҷви зоҳидону обидон ва умуман рӯҳониёни зоҳирпарасту мутаассиб, васфи маю маъшуқа ва манзараҳои дилфиреби табиат ҷои намоён ишғол кардаанд.

Ас.: دیوان اوحدی، باکوشش سعید نفیسی، تهران، ۱۳۴۰ ه. ش.

А. Афсаҳов.

АВҲАДӢ اوحدی Саъдуддини Даҳоиқии Балиёнии Исфаҳонӣ (с. тав. 1565 — ваф. номаълум), шоири форсӣтоҷик. Дар дарбори Таҳмосби 1, Исмоили 2, Муҳаммади Худобанда ва шоҳ Аббос зистааст. Дар аҳди шоҳ Аббос А. ба Ҳиндустон рафта ва то охири умр он ҷо монд. С. 1613 асари «Арафот-ул-ошиқин» (мунтахабаш «Каъбаи ирфон»)-ро эҷод кардааст. А. ба форсӣ-тоҷикӣ осори зиёде мерос гузоштааст, ки муҳимтаринаш инҳост: маснавии «Яъқуб ва Юсуф», «Каъбаи дидор», «Сафинат-ус-сакина», «Лавҳи маҳфуз», «Қалами қудрат», девонҳои «Қасоид ва ғазалиёт», «Қасоид», «Таркибот ва тарҷеот», «Муқаттаот ва мутоибот ва аҳоҷӣ», «Умеди обод» (дар ҷавоби ашъори Умедӣ), «Одамият», ғазалиёт ба унвони «Баҳроми Дастон», «Қанди мукаррар», «Ҷавоҳири завоҳир», «Дурари ғурар». А. инчунин китобҳои «Сурмаи сулаймонӣ», «Кофият-ул-қофия», «Мифтоҳи мафотеҳ», «Айния», «Ҷафри авҳад» ва «Девони Вахшӣ»-ро низ мураттаб сохтааст.

АВҶ اوج дар мусиқии халқҳои Шарқ, аз он ҷумла, тоҷик, нуқтаи баланди оҳанг, регистри наво ва суруд, номи шӯъбае дар мақоми «Ушшоқ». Қисмати асари мусиқии дар регистри миёна иҷрошударо «А.-и миёна», дар мақомҳо бошад, миёнпарда ё ки миёнхат меноманд. А.-и «Дунаср» («А.-и калон») ё ин ки «А.-и боло» нуқтаи олии наво, мақом ва ё суруд аст. «А.-и «Турк» баландтарин қисмати таронаҳои мақом, яке аз даврҳо, вазнҳо ва усулҳои доираи мусиқӣ буда, пас аз намудҳои «Ушшоқ», «Сегоҳ», «Насруллоҳӣ» ва «Дунаср» меояд. А.-и «Турк» аз ҷиҳати тарзу усули мусиқӣ огози «Савти Наво»-ро хотиррасон мекунад. Оҳангҳое, ки дар асоси А.-ҳои «Зебопарӣ» ва хусусан, «Турк» офарида шудаанд, хеле зиёд аст. А.-и «Турк» дар мақомҳо шӯъба ё қисми алоҳидаро ташкил намекунад, вале ҳофизони халқии касбӣ онро барои баланд намудани ҳусни таронаҳои мақомҳо истифода менамоянд. Мас., Ҳоҷӣ Абдулазиз дар «Гульузорам» онро хеле хуб истифода намудааст. А.-ҳо дар ривоҷ, такомул, инкишофи асарҳои мусиқӣ ва дар фаҳмиши афкори мусиқӣ роли калон мебозанд.

АВҶӢИ НАТАНЗӢ اوجی، نتنزی, (ох. а. 16 — ибт. а. 17), шоири форс. Падараш аз сайидҳои Натанз буд. А. Н. баъди бо вазири шоҳ Аббоси I — Мир Абулмаолӣ қаробат пайдо кардан, ба Исфаҳон меояд ва дар ин ҷо таҳсили илм намуда, ҳамчун шоири боистеъдод ном мебарорад. Пас аз ин ба Хуросон, ба дарбори Ҳасанхон (1618—40) омада, бо шоирони ин дарбор — Мавлоно Машриқӣ, Фасеҳӣ ва дигарон шиносӣ пайдо мекунад. А. Н. дар охири ҳаёти худ аз дарбор рӯй гардонида, гӯшанишиниро ихтиёр мекунад ва бо азобу машаққат дар зодгоҳи худ аз олам чашм мепӯшад. Аз А. Н. девони ашъор боқӣ мондааст, ки аз даҳ ҳазор байт иборат буда, қасоиду ғазалиёт, рубоиёт, таркиббанду тарҷеъбанд ва қиттаотро дар бар гирифтааст. Дар эҷодиёти А. Н. мавзӯи норозигӣ аз замона, ишқу ошиқӣ ва мадҳ бештар воҳеҳ ҳурад.

А. Зуҳуриддинов.

АҒАР-АҒАР (аз малай—шилмак), маҳсулоте, ки аз баъзе намудҳои обсабз (мас., обсабзи сурх ва бӯр) дар намуди хока, дона-дона ва ғ. тайёр мекунанд. Асосан аз полисахаридҳо иборат аст. Дар ҳарорати 80—86°С дар об ҳал шуда, дар ҳарорати 36—40°С ба бастаи шилмак мубаддал мегардад. А.-а.-ро дар таркиби муҳити ғизо барои парвариши бактерия, занбӯруг, обсабз ва ғ. истифода мебаранд. Ба А.-а ферментҳои ҳозима таъсир намекунанд. А.-а. дар амалияи тиб чун воситаи беҳгардонандаи кори рӯда маъмул аст. А.-а. дар саноати хӯроквориӣ, каннодӣ (мармалодпазӣ) ва ғ. истифода мешавад.

АГАХАНЯНЦ Окмир Егишевич (тав. 5. 1. 1927, Ленинград), географи советӣ, доктори илмҳои география (1968), проф. (1969). Бо географияи растаниҳои Тоҷикистон, хусусан Помир (аз с. 1954) машғул аст. С-ҳои 1951—54 котиби илмии шӯъбаи фанҳои табиатшиносии АФ РСС Тоҷ., муаллими Ин-ти педагогии ш. Душанбе ва Ун-ти давлатии Тоҷикистон, с-ҳои 1954—68 ходими калони илмӣ ва мудири сектори геоботаникаи станцияи биологии Помир, с-ҳои 1968—71 мудири кафедраи ботаникаи Ун-ти давлатии Калининград, аз с. 1971 проф. кафедраи географияи табиии Ин-ти педагогии ш. Минск. А. дар як қатор экспедицияҳои геоботаникӣ ба Помиру Дарвоз роҳбар ва иштирокчӣ буд (1949—68). А. муаллифи беш аз 120 асари илмист.

Ас.: Между Гиндукушем и Тянь-Шанем. История изучения природы Памира, Д., 1962; Основные проблемы физической географии Памира, ч. 1—2. Д., 1965—66; За растениями по горам Средней Азии, М., 1972.

АГГЛЮТИНАЦИЯ (лот. agglutinatio — часпидан, илтисоқ) дар биология, дар зери таъсири агглютинин ном моддаи махсус ба ҳам часпида дурда шудан ва таҳнишастани бактерияҳо, унсурҳои ҳуҷайраи хун ва ғ. аз махлутобаи якҷинса. Агглютинин дар зардоби хуни одам ё ҳайвон дар натиҷаи ба беморихои сироятӣ гирифтор шудан ё масуниятпайдокунӣ ҷамъ мешавад. Реакцияи А. барои муайян кардани гурӯҳи хун, намуд ва навъи микробҳои беморихои сироятӣ истифода мешавад.

АГГЛЮТИНАЦИЯ, дар забоншиносӣ, пайдо шудани шаклҳои грамматикӣ ва калимаҳои муштақ бо роҳи ба реша ё асоси калима ҳамроҳ шудани аффиксҳои дорои маъноҳои грамматикӣ ва иштиқоқӣ. Ин ҳолат дар бештарини забонҳои олтой ва финию угорӣ мушоҳида мешавад. Як гурӯҳ забонҳоро дар асоси нишонаҳои махсуси морфологии А. забонҳои агглютинативӣ меноманд.

АГЕНТИИ АХБОРИ ВЬЕТНАМ (Việt-Namthông tấn xã, VNTTX — ВИА), с. 1945 дар назди ҳукумати РСВ ташкил шуд. Матбуоти РСВ-ро бо ахбори дохилӣ ва хориҷӣ таъмин мекунад. Ҳар рӯз ба хорича дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиии халки Вьетнам хабарҳо мефиристад. Идораи генералии он дар ш. Ханой. ВИА дар бисьёр шаҳрҳои РСВ, ҳамаи мамлакатҳои социалистӣ ва баъзе мамлакатҳои капиталистӣ шӯъбаҳо дорад ва бо бисьёр агентиҳои телеграфии ҷаҳон мубодилаи ахбор мекунад.

АГЕНТИИ ИНФОРМАЦИОНИИ МУГУЛИСТОН — МОНЦАМЭ (Montsamé), агентии информационии ҳукуматии ҲХМ, 1 авг. 1957 таъсис ёфтааст. Матбуот, радио ва телевизиони Мугулистонро бо хабарҳои ҳаёти дохилӣ ва байналхалқӣ, инчунин бо суратҳо таъмин мекунад. МОНЦАМЭ дар аймоқҳо (вилоятҳо) ва шаҳрҳои Мугулистон мухбирон дорад. Хабарҳои ҳаёти байналхалқиро асосан аз ТАСС меград. МОНЦАМЭ дар Москва мухбир дорад. Ба забони русӣ газетаи «Навигариҳои Мугулистон» ва ба забонҳои англисӣ, франсавӣ бюллетенҳои информационӣ нашр менамояд. МОНЦАМЭ бо агентиҳои мамлакатҳои социалистӣ ҳамкорӣ дорад.

АГЕНТИИ ИНФОРМАЦИОНИИ РЕСПУБЛИКАИ ДЕМОКРАТИИ ГЕРМАНИЯ (ADN — Allgemeiner Deutscher Nachrichtendienst), 10 окт. 1946 ташкил шудааст. АДН газетаҳо, радио ва телевизиони РДГ-ро бо хабарҳои ҳаёти дохилӣ ва байналхалқӣ таъмин менамояд. Мухбирони АДН дар бештар аз 45 мамлакати ҷаҳон кор мекунанд. Баъди ба ТДМ аъзо шудани РДГ доираи фаъолияти ин агентӣ васеъ шуд. АДН бо агентиҳои телеграфии бисьёр мамлакатҳо, хусусан бо ТАСС ва агентиҳои телеграфии мамлакатҳои социалистӣ робитаи мустаҳкам дорад. Ахбори АДН ба забонҳои немисӣ, англисӣ, франсавӣ, испанӣ ва арабӣ нашр мешавад. Бюллетенҳои АДН ба забонҳои гуногун нашр шуда, ҳар ҳафта ба ҳаҷда аз 70 мамлакат фиристода мешавад.

АГЕНТИИ МАТБУОТ, ташкилоте, ки газетаҳо, журналҳо, радио, телевизион, нашриёти китоб, муассисаҳои ҳукуматӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсиятҳоро бо ахбор таъмин менамояд. Аввалин А. м., аз ҷумла агентии Гавас (Франция), агентии Рейтер (Англия) ва Бюрои телеграфии Вольф (Берлин) а. 19 ташкил шуданд. Якумин агентиҳои телеграфии Россия инҳоянд: Рус — РТА (1866), Байналхалқӣ — МТА (1872) ва Шимолӣ — СТА (1882). Ҳамаи инҳо муассисаҳои хусусӣ буданд. С. 1904 Агентии телеграфии ҳукуматии Санкт-Петербург, с. 1915 Агентии телеграфии Петроград (ПТА) таъсис ёфт. С. 1918 Агентии телеграфии Россия (РосТА) ташкил шуд. Баъдтар он ба *Агентии телеграфии Иттифоқи Советӣ* (ТАСС) табдил ёфт. Дар Республикаҳои Советии Социалистӣ агентиҳои телеграфӣ пас аз ғалабаи Рев. Октябрь таъсис ёфтанд. Мас., дар Украина (1918), Узбекистон (1918), Литва (1919), Эстония (1919), Арманистон (1920), Озарбойҷон (1920), Қазоқистон (1921), Белоруссия аз с. 1922 шӯъбаи Белоруссии РосТА ва аз с. 1931 агенти телеграфии Белоруссия (БелТА), Туркманистон (1925), Молдавия (1931), Гурҷистон (1936), Қирғизистон (1936), Латвия (1940). Дар республикаи мо Агентии телеграфии Тоҷикистон (ТоҷикТА) с. 1933 ташкил шуд. С. 1961 *Агентии навигариҳои матбуот* (АПН) ташкил гардид. Дар мамлакатҳои социалистӣ А. м. ташкилотҳои давлатӣ ё ҷамъиятианд. А. м. СССР ва мамлакатҳои социалистӣ матбуот, радио ва телевизиони кишварҳои худ ва тамоми ҷаҳонро аз ахбори эътимоднок доир ба сохтмони социализм ва коммунизм таъмин намуда, бӯҳтонҳои буржуазиро нисбат ба мамлакатҳои лагери социалистӣ фош мекунанд, халқҳоро аз ҳақиқати воқеоти ҷаҳон огоҳ ва дар мубориза барои демократия ва социализм муттаҳид менамоянд. Аз ҷумлаи машҳуртарин А. м. мамлакатҳои социалистӣ инҳоянд: *Агентии матбуоти Польша* (1945), *Агентии телеграфии Венгрия* (1880), *Агентии информационии Республикаи Демократии Германия* (1946), *Агентии телеграфии Чехословакия* (1918), *«Пренса Латина»*-и Куба ва ғ. Дар мамлакатҳои капиталистӣ А. м. одатан муассисаҳои хусусианд. А. м. мамлакатҳои капиталистӣ дар амал ба доираҳои ҳукмрон ва монополияҳо тобеъ буда, хизмати онҳоро ба ҷо меоваранд, ба манфиати сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодии монополияҳо ахбори сохтаю бардуруғ ва ғаразнокро нашр менамоянд. Машҳуртарин А. м. мамлакатҳои капиталистӣ: *Рейтер* (1849, Англия), *Франс пресс* (1944, Франция), *Ассошиэйтед пресс* (1848) ва *Юнайтед пресс интернэшонал* (1907, ШМА, *Киодо цусин* (1945, Япония) ва ғ. мебошанд. А. м. ҳозира дар дохили мамлакат ва хорича бисьёр пунктҳои ахбор ва воситаҳои техникии алоқа (радио, телефон, телеграф, фототелеграф, телетайп) ва ғ. доранд. Солҳои охир ахбори илмию техникӣ беандоза афзудааст. Истифода намудан аз воситаҳои ҳозираи алоқа — станцияҳои радиошунавонӣ, кабельҳои бисьёрканалаи телеграфу телефон, телетайпу фототелеграф, мошинҳои ҳисоббарорӣ ва ғ. ба А. м. имкон медиҳад, ки ахборотро ба таври таъҷилӣ қабул ва таҳлил намуда, сари вақт ба толибони сершумораш расонад.

АГЕНТИИ МАТБУОТИ ПОЛЬША (Polska Agencja Prasowa—ПАП), нояб. с. 1945 дар асоси агентии Польпресс ташкил ёфт. Ба Совети Вазирони Польша тобеъ аст. ПАП матбуотро бо хабару мақолаҳои доир ба ҳаёти Польша ва хориҷӣ таъмин намуда, ба забонҳои полякӣ, русӣ, франсавӣ ва англисӣ якчанд бюллетень мебарорад. Дар дохили мамлакат шӯъбаю пунктҳои мухбирон ва дар бисьёр мамлакатҳои ҷаҳон мухбирони махсус дорад. Байни ПАП, ТАСС ва диг. агентиҳо дар бобати доду гирифти ахбор шартномаҳо мавҷуд аст.

АГЕНТИИ НАВИГАРИҲОИ МАТБУОТ (Агентство печати Новости — АПН), ташкилоти ҷамъиятии ахбороти советист. Иттиф. журналистони СССР, Иттиф. нависандагони СССР, Иттиф. ҷамъиятҳои советии дӯстӣ ва робитаҳои маданӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ, ҷамъияти «Дониш» таъсис кардаанд (1961). Мақсади он расонидани кӯмак барои инкишоф ва мустаҳкам намудани ҳамфикрӣ ва дӯстии байни халқҳост. Барои матбуот, агентиҳои ахборот, нашриётҳо, радио, телевизиони СССР ва мамлакатҳои хориҷӣ доир ба масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва берунии СССР, ҳаёти ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва маданиии халқи советӣ ва ғ. хулосаҳо, очерку репортажҳо тайёр карда медиҳад. Матбуот, радио ва телевизиони советиро доир ба масъалаҳои сиёсат, ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодиёт ва маданияти мамлакатҳои хориҷӣ бо ахборот таъмин мекунад. АПН аз с. 1963 ахборномаҳои «Дар Иттифоқи Советӣ», «Ахбори байналхалқӣ», «Илм ва техника», «Маданият ва санъат» ва «Спорт»-ро нашр менамояд. АПН нашриёт дорад, ки он дар с-ҳои 1973—74 дар СССР ва хорича ба забонҳои руси ва хориҷӣ 37 млн нусха китобу рисолаҳо, альбому раҳнамоҳо чоп намуд. Маҳсули АПН (1974) ба 58 забони халқҳои ҷаҳон чоп мегардад. АПН дар 87 мамлакат бюро ва пунктҳои мухбирон, дар тамоми республикаҳои иттифоқию маҳалҳои калони иқтисодии СССР шӯъбаҳои ҷамъиятӣ ва пунктҳои мухбирон дорад.

АГЕНТИИ ТЕЛЕГРАФИИ АНАТУЛӢ (Anadolu Ajansi — AA), агентии ахбори Туркия, таъсисаш с. 1920. Ҷамъияти акционерӣ. Аксарияти акцияҳо дар дасти ҳукумат. Дар дохили мамлакат намояндаҳо, дар мамлакатҳои Европа, Шарқи Наздик, Оси-

ёи Ҷануби Шарқӣ пунктҳои мухбирон дорад. Бо агентиҳои Ассошиэйтед пресс, Рейтер, Франс пресс, Юнайтед пресс, ТАСС ва ғ. ахборот доду гирифт мекунад. Ҳар рӯз дар Анқара ва Истамбул бюллетень чоп менамояд.

АГЕНТӢИ ТЕЛЕГРАФӢИ БУЛҒО́РИЯ (Българска телеграфна агенция — БТА), с. 1898 ташкил шудааст. То с. 1951 дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ шӯъбае буда, аз с. 1951 идораи махсус — Ин-ти марказии информациониии назди Совети Вазирони РХБ гардид. Дар шаҳрҳои калонтарини Булгория ва пойтахтҳои диг. мамлакатҳо (Москва, Деҳлӣ, Париж, Лондон, Берлин, Анқара, Қоҳира ва ғ.) шӯъбаҳо дорад. Радио ва газетаҳои мамлакатро доир ба масъалаҳои вазъияти дохилӣ ва байналхалқӣ бо ахборот таъмин мекунад. Ба хорича аз ҳар соҳа хабар мефиристад.

АГЕНТӢИ ТЕЛЕГРАФӢИ ВЕ́НГРИЯ (Magyar Tavirati Iroda — MTI — МТА), агентии информациониии расмии Венгрия буда, с. 1880 ташкил шудааст. Дар мамлакатҳои хорича пунктҳои мухбирон дорад. Бо бештар аз 20 агентии информациониии мамлакатҳои диг. ахбор доду гирифт мекунад. Ҳар рӯз ба органҳои матбуот, телевизион ва радиои Венгрия аз ҳаёти байналхалқӣ ва дохилии мамлакат мунтазам ахбор медиҳад. Барои органҳои матбуоти хорича ба забонҳои русӣ, франсавӣ, англисӣ ахборномаҳо мебарорад. Моҳе 2 маротиба маҷмӯаи ахбори «Пайғоми ватан»-ро ба забони венгерӣ ва аз с. 1967 ба забонҳои немисӣ ва англисӣ газетаи «Навигариҳои ҳаррӯза»-ро нашр мекунад.

АГЕНТӢИ ТЕЛЕГРАФӢИ ИТТИФО́ҚИ СОВЕТӢ (Телеграфное агентство Советского Союза — ТАСС), органи ахбороти марказии назди Совети Вазирони СССР. Июли 1925 дар асоси Агентии телеграфии Россия (аз 7 сент. 1918 вуҷуд дошт) ташкил ёфт. ТАСС дар Иттифоқи Советӣ ва хорича ахбори сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ паҳн мекунад, ба кори агентиҳои телеграфии республикаҳои иттифоқӣ роҳбарӣ менамояд, аз онҳо доир ба ҳаёти республикаҳо ахбор мегирад. Дар СССР қариб 500 мухбири махсус дорад. Шӯъба ва пунктҳои ахбори ТАСС дар 110 мамлакати ҷаҳон мавҷуданд. ТАСС ба забонҳои русӣ, англисӣ, франсавӣ, испанӣ, немисӣ, арабӣ ва арманӣ ахбор нашр менамояд. Ба воситаи шӯъбаҳои дар Нью-Йорк, Лондон, Берлин, Вена будааш, инчунин аз пунктҳои мухбирони худ (Париж, Рим, Варшава, Бухарест, Будапешт, Прага, Анқара, Афина, Деҳлӣ, Ҷакарта, Қоҳира, Монтевидео ва ғ.) ахбори зарурӣ мегирад. Мухбирони худро ба маҳалҳои ҷудогонаи мамлакат ва ба мамлакатҳои хориҷӣ ба конференцияҳо, маҷлисҳои машвараті, сессияҳо, фестивальҳо, мусобиқаҳои спортӣ мефиристад.

ТАСС мувофиқи шартномаҳо аз бисьёр агентиҳои информациониии мамлакатҳои хориҷӣ ахбор мегирад ва мефиристад. Пресс-бюрои ТАСС мувофиқи абонементҳо ба матбуоти партиявӣ-советӣ мақолаҳо мефиристад. ТАСС ба воситаи фотохроникаи худ матбуоти Иттифоқи Советӣ ва мамлакатҳои хориҷиро бо суратҳо таъмин менамояд.

АГЕНТӢИ ТЕЛЕГРАФӢИ МАРКАЗӢИ КОРЕ́Я, агентии информациониии давлатии РХДК. С. 1947 дар Пхеньян ташкил шудааст. Матбуоти РХДК-ро бо ахбори ҳаёти дохилӣ ва байналхалқӣ таъмин мекунад. Дар Пхеньян ва музофотҳо шӯъбаҳо, дар хорича, аз ҷумла дар Москва мухбирҳо дорад.

АГЕНТӢИ ТЕЛЕГРАФӢИ РОССИ́Я (РосТА), якумин агентии телеграфии советӣ, ки бо қарори ВЦИК (7 сент. 1918) дар асоси Агентии телеграфии Петроград ташкил шудааст. РосТА матбуоти советӣ, инчунин агентиҳои телеграфӣ ва матбуоти хориҷиро бо маълумотҳо дар бораи Республикаи Советӣ таъмин менамуд. Дар РосТА бисьёр шоиру нависандагон, журналисту рассомон хизмат мекарданд. Бо қарори СКХ СССР аз июли 1925 Агентии Телеграфии Иттифоқи Советӣ (ТАСС) ташкил шуд. Янв. 1935 РосТА барҳам хӯрд ва вазифаҳои он ба ТАСС гузашт.

АГЕНТӢИ ТЕЛЕГРАФӢИ ТОҶИКИСТО́Н (ТоҷикТА), органи расмии информациониии давлатии иттифоқии республикавӣ, ки 4 февр. 1933 ташкил ёфтааст. ТоҷикТА барои матбуот, телевизион, радио ва диг. ташкилотҳои РСС Тоҷ. хабарҳои ТАСС-ро доир ба ҳаёти республикаҳои иттифоқӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ интишор менамояд, бо фототелеграф суратҳо қабул мекунад, ахбор ва суратҳои доир ба воқеаҳои муҳими РСС Тоҷ.-ро барои нашр кардан дар Иттифоқи Советӣ ва хорича ба ТАСС мефиристад. ТоҷикТА ҳар рӯз барои обуначиён «Хабарҳои республикавӣ», «Ахбори махсус», инчунин аз ҳаёти пионерон, ҷавонон, мактабҳо ва муассисаҳои маорифу маданият ахборотнома нашр менамояд, ба воситаи радио барои газетаҳои шаҳрию районӣ аз ҳаёти республика, СССР ва ҷаҳон ахбор медиҳад. Материалҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ нашр мешаванд. ТоҷикТА бо агентии информациониии Ӯзбекистон (ӮзТАГ) низ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тарҷумаи материалҳоро мубодила мекунад. Редакцияи Фотохроникаи ТоҷикТА матбуот ва телевизиони республикаро бо сурат ва клише таъмин менамояд. Силсилаи суратҳои «Тоҷикистони имрӯза» бо тиражи зиёда аз 300 нусха тайёр карда мешавад. ТоҷикТА бо Москва, Тошкент ва бисьёр шаҳру районҳои республика алоқаи телетайпӣ дорад. *З. Насриддинов.*

АГЕНТӢИ ТЕЛЕГРАФӢИ ЧЕХОСЛОВА́КИЯ (Ceskosjovenska Tiskova Kancela,— СТК — ЧТК), агентии информациониии давлатии РСЧ, ки аз 28 окт. 1918 кор мекунад. ЧТК меҳнаткашони Чехословакияро аз сиёсати дохилӣ ва берунии Партияи коммунистӣ ва ҳукумати федералӣ шинос карда, барои матбуот, радио ва телевизион ахбор медиҳад, аз мухбирони дохилӣ ва аз агентиҳои хориҷӣ хабарҳо мегирад. Ба хорича ба забонҳои русӣ, англисӣ, франсавӣ, испанӣ хабар мефиристад. ЧТК доир ба масъалаҳои иқтисодӣ журналу бюллетенҳо ва ҳар ҳафта «Хулосаи ҳуҷҷатҳо» нашр мекунад. ЧТК дар Республикаи Социалистии Чехия 7 шӯъба, дар Республикаи Социалистии Словакия 6 шӯъба ва дар хорича 27 пункти мухбирон дорад. Бо агентиҳои телеграфии мамлакатҳои социалистӣ, хусусан ТАСС ва бо 66 агентии информациониии хориҷӣ ахбор доду гирифт менамояд.

«АГИТА́ТОР», журнал, органи КМ КПСС, аз с. 1923 нашр мешавад. Аввалҳо «Памятка агитатора», баъд аз с. 1925 «Спутник агитатора» ном дошт. Аз с. 1956 «А.» ном гирифт. «А.» ташвиқотчии фаъоли таълимоти марксистӣ-ленинӣ ва қарордодҳои КПСС буда, доир ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданиии мамлакат ва вазъияти байналхалқӣ ахборот чоп мекунад, ба саволҳои хонандагон ҷавоб ва маслиҳатҳо медиҳад. «А.» моҳе ду маротиба бо адади бештар аз 1,6 млн нусха (1977) чоп мешавад.

«АГИТА́ТОРИ ТОҶИКИСТО́Н», журнали КМ ПК Тоҷ. Аз с. 1938 бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ моҳе 2 маротиба чоп мешавад. Аввал «Блокноти агитатор» ном дошта, нашриёти шӯъбаи пропагандаи КМ ПК Тоҷ. буд. Аз с. 1939 то 1944 чопи он қатъ гардид. Аз с. 1945 то 1959 № 24 (321) бо тиражи 6391 нусха мебаромад. С-ҳои 1959—73 чопи он қатъ гашт. Аз окт. 1973 то янв. 1975 дар ҳаҷми 1,5 ҷузъи чопӣ нашр мешуд. Аз янв. 1975 номи «А. Т.»-ро гирифт ва дар ҳаҷми 6 ҷузъи чопӣ бо тиражи 45000 нусха ба табъ мерасад (1977). Дар саҳифаҳои «А. Т.» барои ёрӣ додан ба агитаторон, ахборотчиёни сиёсӣ, лекторон, маърӯзачиён ва диг. ходимони идеологӣ оид ба масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хорҷии КПСС, Давлати Советӣ материалҳо чоп шуда, таҷрибаи пешқадам ва кори кадрҳои идеологӣ, фаъолияти ташкилотҳои партиявӣ шарҳ дода мешавад. Инчунин дар саҳифаҳои журнал дар бораи рафти мусобиқаҳои социалистӣ, муваффақият ва таҷрибаи пешқадамони истеҳсолоти шаҳру деҳот мақолаву хабарҳо дарҷ мегардад.

М. Иброҳимов.

АГИТФИЛЬМ, фильм-плакатхои кӯтоҳметраж, ки хусусияти таргиботӣ ва ташвиқотӣ дошта, дар солҳои ҷанги граждани халқро ба муборизаи дар роҳи муҳофизати музаффарияти-хои Ҳокимияти Советӣ даъват менамуданд. А. лаҳзаҳои асосии муборизаи Армияи Сурх, сохтмони хоҷагии давлати ҷавонӣ советиро инъикос намуда, вазифаҳои муҳими сиёсиро ба омма шарҳу азҳ медод. Як қисми А.-ро ба плакат шабоҳат дошта, ба мавзӯъҳои мустаҳкам намудани Армияи Сурх, барқарор кардани истеҳсолот ва деҳоти ҳаробшуда бахшида мешуданд («Аскари сурх, душмани ту кист?», «Ба сафи Армияи Сурх», «Паровозҳоро таъмир кунед», «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!»). Солҳои 1918—20 80 А. ҳаҷм шуд. Машҳуртарини онҳо «Зиҷшавии» (1918, сценарияи А. Луначарскӣ, режиссёрҳо А. Пантелеев, Д. Пашковский, А. Долинов), «Дар фронти сурх» (1920, режиссёр Л. Кулешов), «Дос ва Болта» (1921, режиссёрҳо В. Гардин ва В. Пудовкин) мебошанд. Дар А.-ҳо таъсири киноҳроника мушоҳида карда мешуд. Мавзуи А.-ҳо актуали, услуб ва бадеияти онҳо содда ва оммафаҳм буданд.

Ад.: История советского кино, т. 1, 1917—31, М., 1969. *А. Ахроров.*

АГЛОМЕРАТ (лот. agglomero — ҷаҳ мекунам, ҷуда мекунам), 1) дар петрография, ҷудаи порахои чинсии ҳаҷм. Дар натиҷаи ба ҳам часпида сахт шудани резанорахои А. (брекчия, туф ва ғ.) ба вуҷуд меояд. 2) дар металлургия, порча ва гурӯшаҳои маъдан, ки бо роҳи дар мошинҳои махсус тафсонда ба ҳам часпондани реза ва ҳокаи маъдан ҳосил карда мешавад. Ниг. *Агломерация.*

АГЛОМЕРАЦИЯ дар металлургия, процесси термикии дар мошинҳои агломерат гурӯшонидани резаҳои маъдан бо роҳи тафсонда ба ҳам часпондани онҳо. Дар натиҷаи А. маъдани хокаву реза ба шакл ва хосиятҳои барои гудохтан мувофиқ соҳиб мешавад. Ҳангоми аз ташвиқ ҳосил кардан ва аз як ҷо ба ҷои дигар ташондани маъдан реза мешавад. Ғайр аз ин, дар ҷараёни газҳои аз дудкаши домна хориҷшаванда ҳиссаи зиёдаи шлака мавҷуданд, ки онҳоро бо усулҳои махсус ҷудо мекунанд. Барои истифодаи ин материалҳои резаҳо ва хокаро дар мошинҳои махсуси агломерат «пухта», порчаву гурӯшаҳои калон-калон (*агломерат*) ҳосил мекунанд. Маъдан-резаҳои ҳаҷмашон 2—3 мм, хокаи домна ва сӯзишворӣро ба дуд (бункер) меандозанд. Омехта аз дуд дозатор ба омехтакунак ва аз он ба плати намакунанда меравад. Баъди то дараҷаи муайян нам шудан омехта ба кутиҳои пойсӯроҳ таҳмин конвейер меҳезад. Кутиҳо пур аз омехтаро конвейер ба зери ҳурдача мерад ва омехта дармегирад. Дар зонаи сӯзиши сӯзишвории сахт, ки ҳарорат 1200—1500° С аст, қисми муайяни шихта гудохта мешавад. Ҳангоми ба қабатҳои поёни шихта гузаштани зонаи сӯзиш қабати нимгудохташудаи боло сард шуда, материалҳои майдаро ба ҳам мечаспонад ва агломерати яклухт ба вуҷуд меояд. Опро майда карда, ба порчаву ғурӯшаҳо табдил медиҳанд. Маҳсули кори чунин мошинҳои агломерат дар як соат ба 200 т мерасад.

Ад.: Базилевич С. В., Вегман Е. Ф., Агломерация, М., 1967.

АГНОЗИЯ (аз *а*... ва юн. gnosis — дониш, маърифат), дуруст тасаввур ва дарк карда натавонистани предмет ва ҳодисаҳо, ки дар натиҷаи осеб ёфтани марказҳои олии муайяни қишри майна (ҳангоми хунҳошшавии майна, омос, садамаи магзи сар ва ғ.) ба вуҷуд меояд. Аз зарар дидани қисмҳои алоҳидаи қишри майна, ки босира, сомеа, шомма, ломиса ва ғ.-ро идора мекунад, А. босиравӣ, сомеавӣ, шоммавӣ, ломисавӣ ва ғ. шуданаш мумкин аст. Ҳангоми А.-и босиравӣ бемор биноиашро гум накунад ҳам, лекин предметро намешиносад, ё баъзе қисмҳои предметро дарк карда метавонаду аммо онро мукаммал тасаввур карда наметавонад. Дар А.-и сомеавӣ қувваи сомеа боқи мемонад, лекин лаёқати маҳлуқоту ҷисмҳоро мувофиқи овозҳои ба онҳо хос донистан, шинохтан ва аз ҳамдигар фарқ кардан нест мешавад (мас., донистани саг аз аккос, асп аз шиҳа, телефон аз занг ва ғ.). Аз ин рӯ А. ба қисмати вайроншавии ҳолати мураккаби рӯҳӣ мансуб аст.

АГНОСТИЦИЗМ (аз *а*... ва юн. gnosis — дониш, маърифат; айнан инкори имконияти дониш), таълимоти фалсафист, ки имконияти донистаншавии ҳақиқати объективӣ, роли илмро дар донистаншавии қонуниятҳои табиату ҷамъият маҳдуд карда, ба дину хурофот роҳ медиҳад ва ба қувваи ақлу хиради инсон дар процесси дониш бовар надорад. Дар фалсафаи кадим А. дар ҷараёни *шаккокия* (скептицизм), ки таърихан шакли аввалини А. буд, вуҷуд дошт.

Дар фалсафаи асрҳои миёнаи халқҳои форс-тоҷик ва араб намояндаи ин равия Муҳаммади *Ғазолӣ* мебошад. Ӯ бар хилофи Форобӣ, Ибни Сино, Беруни, Ибни Рушд аҳамияти илму дониш ва ақлу хиради инсонро паст зада, ба дину хурофот роҳ мекушод. Машҳуртарин намояндагони А. дар таърихи фалсафа Давид *Юм* ва И. *Кант* мебошанд.

Кант процесси мураккаби донишро ҳаматарафа таҳқиқ карда, бошад ҳам, вале диалектикаи субъективиро аз диалектикаи *объ*ективи ҷудо карда, онҳоро ба якдигар мукобил мегузошт. Моҳияти А.-и Кантро В. И. Ленин ошкор карда, менависад, ки дар таълимоти ӯ «Дониш табиат ва инсонро аз якдигар дур мекунад (ҷудо мекунад); дар амал вай онҳоро пайваст мекунад» (Ас., ҷ. 38, с. 82). А. дар муборизаи партияҳои асосии фалсафа—муборизаи материализм ва идеализм — кӯшиш мекунад, ки бетараф бошад. Дар ҳақиқат ҳамин бетарафӣ, ноустуворӣ, номуайянӣ А.-ро ниҳоят ба ҳимояи фидеизм, дин ва реакция бурда расонд. Фалсафаи буржуазии а.-ҳои 19—20 дар мавзӯи А. нисбат ба Юм ва Кант чизи наве надод, танҳо А.-и онҳоро омехта, ба шакли муғлақ ташвиқ мекунад. А. дар равияҳои гуногуни (неокантчиғӣ, неопозитивизм, экзистенциализм ва ғ.) фалсафаи буржуазии ҳозира низ хеле паҳн шуда аст. Бори аввал А.-ро Гегель танқид карда буд. Аммо фақат ба материализми диалектикӣ муяссар шуд, ки решаҳои гносеологӣ ва иҷтимоии А.-ро кушода, онро ҳаматарафа танқид кунад.

Ад.: Энгельс Ф., Диалектика природы, Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., т. 20; Энгельс Ф., Людвиг Фейербах ва хотима ёфтани философияи классикии немис, Д., 1972; Ленин В. И., Ас., ҷ. 14, 38; Осимӣ М. С., Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ, Д., 1970; Копнин П. В., Гносеологические и логические основы науки, М., 1974. *Ғ. Ашуров.*

АҒРА, шаҳр дар шт. Уттар-Прадеши Ҳиндустон, дар соҳили рости д. Ҷамна. Аҳол. 638 ҳаз. (1971). Марказии нақлиёт ва саноати косиби буда, пойафзоли чармӣ, газвори пахтагӣ, маснуоти нафиса (аз мармару металл) истеҳсол мекунад. Комбинати ресмонпресӣ, ун-т дорад. А. аввали а. 16 асос ёфта, дар а.-ҳои 16—17 пойтахти империяи Темуриёни Ҳинд буд. Ёдгориҳои машҳури меъмориаш: Аграфорт (а. 16), масҷиди Марворид (а. 17), Тоҷмаҳал (а. 17) ва ғ.

АГРАНУЛОЦИТ (аз *а*..., лот. granulum — дона ва юн. kýtos — ҳуҷайра), лейкоцитҳои ғайри дона-дона, ҳуҷайраҳои сафеди (*лейкоцитҳои*) хуни ҳайвонот ва одам, ки цитоплазмаашон донаҳо (гранулаҳо) надорад. Дар хуни бештари бемӯҳраҳо як навъ А., дар хуни ҳайвонот ва одам ду навъ А. (лимфоцит ва моноцит) вуҷуд дорад.

АГРАНУЛОЦИТОЗ (аз *а*..., лот. granulum — дона ва юн. kýtos — ҳуҷайра), дар хун нест ё ниҳоят кам шудани лейкоцитҳои донадор (ниг. *Лейкоцитҳо*). А. аз вайрон шудани ҳосилшавии гранулоцитҳо дар магзи устухон (мас., дар натиҷаи таъсири нурҳои ионизонанда, буғи бензол ё ҳангоми касалии сил, варача, тиф ва ғ.) ё аз вайроншавии лейкоцитҳо дар хуни периферӣ (канорӣ) пайдо мешавад (мас., аз ҳассосии организми баъзе одамон ба доруҳои амидопирин, фенацетин, аналгин, баъзе антибиотикҳо ва ғ.). Ҳангоми А. дар пардаҳои луобӣ ва бодомакҳо ҷароҳати некрозӣ пайдо шуда, якбора баландшавии таб (баъзан бо таблар-

за), беҳолу бемадоршавӣ, калоншавии ҷигар, марказҳои лимфаи гардан, баъзан нишони заъфарма ба вуҷуд меояд.

Муолиҷа: дафъи сабабҳои А., хунгузаронӣ ва истифодаи гормонҳои кортикостероидӣ.

АГРАФИЯ (аз *а*... ва юн. gráphо — менависам), ихтилоли нутқ, ки бемор қобилияти навиштанро гум мекунад. Одатан дар натиҷаи суст ипкишоф ёфтан ё осеб дидани қисмҳои пушти сарӣ ва оқиби фарқи сарии нимкураи чапи майна мушоҳида мешавад. Ҳангоми А. бемор ҳарфҳоро ба калима пайваста наметавонад, ё дар вақти навиштан баъзе ҳиҷоҳоро партофта, ё ҷой иваз карда менависад.

АГРЕГАТ (лот. aggrego — мепайвандам), 1) дар техника — банди (узели) муттаҳид ва унификация карда шудаи мошин (ё комплекси мошинҳо), ки пурра ивазшаванда буда, амалҳои алоҳидаро мустақил ичро мекунад. Мас., генераторҳо, муҳаррикҳои электрӣ, турбогенератор, редуктор, насос ва ғ.; 2) дар минералогия ва петрография — маҷмӯи минералҳо ё як минерали



Агрегатҳои ГЭС-и Норак.

танҳо, ки аз он ҷинси кӯҳӣ, маъдан, друза, оолит, сферолит ва ғ. ҳосил шудааст. Аз рӯи сохт А. нарм, хокамонанд, шӯшамонанд, зич, кристаллӣ, донадор ва ғ. мешавад; 3) дар х. қ.— мошин ва олотҳое, ки ба якдигар пайваст карда ба кор мебаранд. Ниг. *Агрегати мошину трактор.*

АГРЕГАТИ МОШИНУ ТРАКТОР дар х. қ., мошинҳои х. қ., ки ба трактор ё муҳаррик пайваст карда шуда, дар амалиёт ё процессҳои механиконидаи истеҳсолот истифода мегарданд. Агар мошин муҳаррик ва механизмҳои таҳвилу ҳаракат дошта бошад, агрегати худгард меноманд. А. м. т. содда, мураккаб ва комплексӣ мешавад. А. м. т.-и содда як амалиётро (мас., культивация), комплексӣ ду (мас., шудгору сихмола), мураккаб ду ва бештар аз он амалиётро (мас., комбайн) ба ҷо меорад. А. м. т. аз рӯи процессҳои технологӣ аз агрегатҳои шудгору кишткунанда, хосилгундор, боркашон, тайёркунандаи хӯроки чорво ва ғ. иборат аст. Аз ҷиҳати тариқи ичрои кор онҳо ҳаракаткунанда, муқимӣ, муқимию ҳаракаткунанда ва аз рӯи пайваст шудан ба трактор ядакӣ, овезаю нимовеза мешаванд.

АГРО... (юн. agrós — *саҳро*), қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки ба деҳқонӣ мансуб будани онҳоро ифода мекунад, мас., агроклиматология, агротехника, агрохимия ва ғ.

АГРОБИОЛОГИЯ (аз *агро*... ва *биология*), яке аз соҳаҳои биология, ки бевосита ба растанипарварӣ ва чорводорӣ тааллуқ дорад. Мақсади А. дар истеҳсолоти х. қ., ҷорӣ намудани қонуниятҳои асосии биология мебошад. С-ҳои 40—50-уми а. 20 Т. Д. Лысенко ва пайравони ӯ хостанд, ки бо истилоҳи «А.» умуман мафҳуми «биология»-ро ивоз намоянд. Аммо ин кӯшиши беасос буд. Ҳоло ба ҷои истилоҳи «А.» мафҳуми «Биологияи х. қ.» истифода мешавад.

АГРОКАБИНЕ́Т, кабинети махсус барои тарғиби комьёбиҳои илми агрономӣ дар с-зҳо. А.-ро барои гузаронидани машғулияти курсҳои агрозоотехникӣ ва ҳамчун намоишгоҳи дохилии комьёбиҳои истеҳсолии с-зҳо истифода мекунанд.

АГРОКЛИМАТОЛО́ГИЯ (аз *агро*..., юн. klima — иқлим ва lógos — илм), климатологияи агрономӣ, соҳаи климатология, ки иқлимро чун омили истеҳсолоти х. қ., меомӯзад. Захираи обу наботот, табиати маҳал, хок ва ҳосилхезии он ба иқлим вобаста аст. Ҳангоми соҳа ба соҳа махсус гардонидани х. қ. иқлим ба ҳисоб гирифта мешавад. Инкишофи А. бо эҳтиёҷоти ҳаётии х. қ. ӯзвии алоқаманд аст. Асосгузори А.-и ваганӣ олими рус А. И. Воейков мебошад. Дар хориҷа бо А. пахустин бор Ҷ. Аццӣ (Италия), Б. Ливингстон (ШМА) машғул шуданд. Олимони советӣ Г. Т. Селянинов, П. И. Колосков, Л. Н. Бабушкин, Ф. Ф. Давитая, И. А. Гольцберг, С. А. Сапожникова ва диг. асосҳои А.-и х. қ.-ро кор карда баромадаанд.

Аз рӯи талаботи х. қ. баҳо додан ба иқлим, муқаррар намудани районҳои агроиқлимӣ ба мақсади дуруст ва беҳтар ҷо додани зироатҳои х. қ. ва ҳайвони хонагӣ, асоснок намудани усулҳои алоҳида ва маҷмӯи чорабӯиҳои агротехникӣ ва самаранокии онҳо дар шароити иқлими маҳал, дарёфти роҳҳои муборизаи зидди шароити номусоиди иқлим ва обу ҳаво ва ғ. вазифаҳои асосии А. мебошанд. Дар СССР оид ба А. дар муассисаҳои Саруправлениями обу ҳавосанҷӣ, Ин-ти умуминиттифоқии растанипарварӣ ва диг. донишкадаҳои олӣ тадқиқоти илмӣ бурда мешаванд. Натиҷаи тадқиқоти агроиқлимӣ ба рӯёнидани ҳосили фаровони зироати х. қ., маҳсулоти чорво, дар пешгирӣ кардани гармсел, аёс, жолазанӣ, сел, хушксолӣ ва ғ. кӯмак мерасонад. Управления ва станцияҳои обу ҳавосанҷии республика аз вазъияти обу ҳавои маҳалҳо рӯзе 3 маротиба хабар дода, харитаи ҳарҳафтаинаи онро нашр менамоянд.

Ад.: Воейков А. И., Климаты земного шара, в особенности России, Избр. соч., т. 1, М.-Л., 1949; Гольцберг И. А., Агроклиматическая характеристика заморозков в СССР и методы борьбы с ними, Л., 1961.

АГРОМЕЛИОРА́ЦИЯ (аз *агро*... ва лот. melioratio — беҳтар кардан), мелиорацияи агрономӣ, системаи чораҳои беҳтар намудани шароити обу ҳаво ва хосияти физикию химиявии хок. А. тадбирҳои беҳтар гардонидани хосиятҳои намкашӣ ва намнигоҳдории хок, шудгори чуқури замин, шӯршӯй, кишти зироати шӯр тобовар ва ғ.-ро дар бар мегирад. Ниг. низ *Мелиорация.*

АГРОМЕТЕОРОЛО́ГИЯ (аз *агро*... ва юн. metéoros — ҳодисаҳои осмонӣ, ҳодисаҳои фазо ва lógos—илм), метеорологияи хоҷагии қишлоқ, илмест, ки таъсири мутақобилаи шароити метеорологӣ, иқлимӣ ва гидрологиро бо объектҳо ва процессҳои истеҳсолоти х. қ. меомӯзад. Ниг. низ *Метеорология.*

АГРОНО́МИ ХИЗМАТНИШОНДОДА́И РСС ТОҶИКИСТО́Н, унвони фахрӣ. Ба мутахассисони х. қ. ва соҳаи кирмакдории к-зу с-зҳо, шӯъбаҳои р-нии кирмакдорӣ, управлениях ҳои х. қ., муассисаҳои тадқиқоти илмӣ, органҳои марказӣ ва маҳаллии вазоратҳои х. қ., хоҷагии об, саруправлениях и «Тоҷикплодоовощ» ва ғ., ки на камтар аз 15 сол кор кардаанд, барои хизматҳои барҷастаашон дода мешавад. Унвони А. Х. РСС Тоҷ. ва нишони сарисинагии онро (ниг. расм) Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. 15 янв. 1951 таъсис кардааст. Мутахассисони зерин ба гирифтани унвони А. Х. РСС Тоҷ. ноил гардидаанд:

1952: Бильбасова Н. В., Иброҳимов И., Муродов Қ., Очкилас Д. М., Петров В. Ф., Пономаренко А. А., Рекутин В. Ф., Фирсов Б. П.

1953: Троицкий А. А.

1957: Алёхин А. Г., Алиев А. А., Ачкинази Е. Я., Башкин И. М., Белкин И. К., Бойматов Ш., Васильченко И. П., Гладенький П. Т., Додомирзоев Б., Елисеев Н. И., Земан Г. О., Зорькин Ф. Г., Исхоков М. З., Калмыкова З. С., Караев И. Г., Коган И. А., Красичков В. П., Крейдик Б. М., Мамонтов П. В., Махмадчонов Н., Мачидов С. Ч., Мирзоянц Х. И., Михайличенко И. П., Муродбеков С., Назаров Ш., Невзоров В. В., Олимов Ф., Ольхов М. И., Оратовский М. Т., Паришкура Н. С., Рахимов М., Рахмонов М. К., Редькин В. К., Самутов Ш. С., Соренков И. Г., Стативкин В. Г., Талесник Б. Л., Тяшенко И. Т., Тошбеков Х. К., Тошпулодов Т., Тўраев А. Б., Улфатов Ш., Умнов Н. Н., Усмонов А., Цулай В. И., Шишкин Е. М., Янпольский А. С., Кобилов М., Косимов Р. Р., Курбонов К., Хомидов Б., Чалилов М., Черих С. К.

1960: Ахмадов Н., Бассевич А. И., Каплин П. Н., Савруцкий Б. К., Шохалиев Х. Ш.

1961: Назаров Р. Б., Озеров М. В.

1963: Бойко Г. П.

1964: Ахмедов К. Т., Алиев Х., Алимардонов Ш., Аъламов А., Ахмадов М., Воронин Ю. Д., Дастамбўев Ш., Зунунов Ч., Пўлдошев Р., Кабанов Р. И., Каримов Д., Кириллов И. Ф., Клоченко А. А., Муллоев А., Мухиддинов Ч., Набиев Д., Некушоев А., Носиров С., Пулодов М., Саидов К., Сатторов Х., Стоцкая А. И., Тоиров З., Тошматов А., Турсунов А., Хитринцев И. С., Шамсуддинов Б., Хомидов И., Чураев С.

1966: Абдуллаев К., Бобоев А., Иванушко И. С., Мирзоев О., Мирокилов М., Мусаева М. Н., Рохибов Т., Сайтиев Б., Усмонов Г.

1967: Алибова С. Х., Невзорова В. Н.

1969: Власов Н. В., Латифов М., Машкин Г. С., Муминов М. А., Улуев К., Косимов Ч. К., Хасанов Б. Н., Чураев М., Черих Д. К.

1971: Григорьев К. П.

1973: Бессонов А. Д., Казакова А. В., Бозрастиев М.

1974: Абдуллаев З., Абдуллоев Н., Ахмадов Б. Н., Баротов З., Баковев О., Бессонов Н. Г., Бобоев У., Бобоқонов З., Ботуров О., Гугушвили Р. М., Исмонов А., Каримов Р., Ким Н. Г., Красноглобовская Т. А., Махмудов Б., Мутиев А., Мухиддинов Н., Насриддинов Б., Халилов А., Эргашев Ч., Эшонов И., Косимов Ш., Хасанов М.

1975: Акмолов П. Т., Мишунина В. И., Рашидбеков А., Федотов И. Д.

1976: Алиев Ч., Быков А. М., Бозидов К., Зокиров Н., Калинин И. А., Каримов А., Мухиддинов М., Орзов Н. Б., Саитенко И. С., Чакаев К., Пўлдошев Р., Ғуломов Ш., Қудратов У.

1977: Алиев И., Сафиддинов А.

АГРОНОМИЯ (аз *агро*... ва юн. nómos — қонун), илми деҳқонӣ, маҷмӯи донишҳои назарияви ва амалии тамоми соҳаҳои х. қ. А. дар ҷараёни фаъолияти амалии инсон ба вуҷуд омада, бо инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият, тағйири муносибатҳои иқтисодию ичтимоӣ ва равнақи фанҳои табиатшиносӣ пеш рафт. Маълумотҳои доир ба зироат ва чорводорӣ ҳанӯз дар маъхазҳои қадимтарин дучор меоянд. Мас. дар китоби қадимии «Авесто» (а-ҳои 10—6 то м.) махсусан дар қисми «Готҳо» ва фасли «Видевдот» оид ба заминдорӣ, галлакорӣ, боғдорӣ, обьёрии заминҳои лалмӣ, хушконидани шибарзамин, поруандозӣ, чорводорӣ, кишти алафҳои хўрокии чорво ва г. маълумоти гаронбаҳо дода шудааст. Бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ А.-и таҷрибавӣ (эмпирикӣ) асоси илмӣ гирифт ва дар байни фанҳои табиатшиносӣ мавқеи муҳим ишғол кард. А.-и илмӣ дар асоси биологияи умумӣ, физиологияи растаниҳо, хокшиносӣ, мелиорацияи х. қ., генетика, микробиология, биохимия, биофизика ва диг. фанҳои табиатшиносӣ кор мебарад. Дар тараққиёти А. ҳиссаи олимони советӣ *Н. И. Вавилов, В. В. Докучаев, П. А. Костычев, В. Р. Вильямс, К. А. Тимирязев, И. В. Мичурин* ва диг. калон аст. Ҳоло дар СССР беш аз 1750 Станцияи таҷрибавию селекционӣ, ин-тҳои тадқиқоти илмӣ ва филиалҳои онҳо ташкил карда шудааст. Дар республикаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, ки зироаткорӣ асосан дар заминҳои обьёрӣ гузаронида мешавад, А. вобаста ба шароити маҳал инкишоф ёфтааст. Олимони республика *А. Н. Махсумов, В. П. Красичков, Х. Юсуфбеков, Я. Д. Нагибин, Б. С. Розанов, В. И. Литвинов, Ҷ. Қ. Қосимов, Б. С. Сангинов, Ҳ. Ҷумонқулов*, Х. Домуллоҷонов, У. Эшонқулов ва диг. вобаста ба иқлими республика самаранок истифода намудани заминҳои лалмӣ ва обиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, доир ба киштгардон, шудгор, нуриандозӣ, обьёри, парвариши зироат, рушди алафҳои чарогоҳ, рўёнидани навъҳои серҳосили пахтаи махиннах, фарвон гардонидани ҳосили пахта, сабзавот, лиму, ангур ва г. тадқиқоти заёдеро анҷом додааанд. Ин-тҳои тадқиқоти илмии зироат ва хокшиноси, Ин-ти тадқиқоти илмии минтақавии боғу токпарварии ба номи И. В. Мичурини ВХҚ РСС Тоҷ. ва Ин-ти х. қ. и республика бо корҳои тадқиқотии худ ба пешрафти соҳаҳои гуногуни илми А. саҳми калон мегузоранд.

Ад.: Маълумотнома барои пахтакорон, Д., 1966. Вильямс В. Р. Основы земледелия. М., 1949. Бонитировка почв Таджикистана. Д., 1974. Махсумов А. Н. Основные проблемы богарного земледелия в Таджикистане, кн. 1—2, Д., 1964—65.

АГРОТЕХНИКА (аз *агро*... ва юн. techne — *санъат*), **технологияи деҳқонӣ**, системаи усулҳои парвариши зироат ва рўёнидани ҳосили баланд. Дар натиҷаи дар амал истифода намудан аз комьёбиҳои илму таҷрибаи пешқадам, механиконию автоматонии процессҳои истеҳсолот бо харҷи ками меҳнату маблағ рўёнидани ҳосили баланди зироати х. қ. вазифаи асосии А. ба ҳисоб меравад. Шудгори замин, нуриандозӣ, ба кишт тайёр кардани тухмӣ, нигоҳубини киштзор, маҳви касалию ҳашароти зараррасонҳои зироати х. қ., ҳосилгундорӣ, яхоб, обьёрӣ ва г. аз ҷумлаи усулҳои агротехникӣ мебошанд. Дар Осиёи Миёна то Рев. Октябрь усулҳои кўҳнаву қафомондаи А. истифода мешуданд. Замин бо ёрии зағнӯл, каланд, омоч, мола ва г. кор карда мешуд. Дар Россия А. дар а. 19 ташаккул ёфт ва бо номи *В. В. Докучаев* ва *П. А. Костычев*, ки асосгузорони таълимоти ҳосилхезии хок мебошанд, алоқаманд аст. Дар инкишофу такомули А. корҳои илмии *К. А. Тимирязев, М. Г. Павлов, А. В. Советов, И. А. Стебут, Д. Н. Прянишников* ва диг. роли калон бозиданд.

Ад.: Докучаев В. В., Наши степи прежде и теперь, М., 1954; Прянишников Д. Н., Об удобрении полей и севооборотах, Избр. статьи, М., 1962.

АГРОФИЗИКА, физикаи агрономӣ, илми усулҳои физикии тадқиқоти муҳити ҳаёт ва фаъолияти растаниҳо. Фаслҳои асосии А.: физикаи хок, физикаи қабати ба замин наздики ҳаво, биофизикаи растаниҳо, усулҳо ва воситаҳои таҳлили шароити муҳити растаниҳо. А. дар ибтидои а. 20 ташаккул ёфта, дар асоси комьёбиҳои илми табиатшиносии ҳозиразамон, махсусан физикаю биофизика, электроникаю физикаи нимноқилҳо, полимерҳо ва пластмасса тараққӣ менамояд. Дар ташаккулу инкишофи А. олимони ватанию хориҷӣ, *Д. Н. Прянишников*, А. Г. Дояренко, Н. А. Качинский, А. А. Роде, С. И. Долгов, С. Н. Рыжов, Б. В. Дерягин, Э. Рассел (Англия), В. Шоу (ШМА) ва диг. ҳиссаи калон гузоштаанд. Асосгузори мактаби агрофизикии СССР *А. Ф. Иоффе* мебошад. Дар Тоҷикистон бо масъалаҳои ҳалталаби А. ИТИ-и хокшиносии ВХҚ ва Ин-ти физиологияи растаниҳои АФ РСС Тоҷ. машғуланд.

Ад.: Основы агрофизики, М., 1959; Нерпин С. В., Чудновский А. Ф., Физика почвы, М., 1967.

АГРОФИТОЦЕНОЗҲО (аз *агро*... юн. phýton — растанӣ ва koinós — умумӣ), агроценозҳо, муштараки сабзидани гурўҳи растаниҳо дар натиҷаи даҳолати инсон, яъне ассоциацияи сунъии растаниҳо. А. аз ҷиҳати нуму ва намуди растаниҳо, таъсири мутақобила, майдони ғизо ва г. аз ҳамдигар фарқ мекунанд. А. чор навъ

мешаванд. А.-и азхудшудаистода — ассоциацияҳои табиии растаниҳо, ки дар натиҷаи интенсивона истифода бурдан намуди онҳо тағьир дода шудааст (беша ва марғзорҳое, ки мунтазам истифода мешаванд); А.-и роғӣ — ассоциацияҳои сунъӣ, ки нумӯяшон мунтазам танзиму назорат карда намешавад (ниҳолзор ва марғзорҳои бисьёрсолаи кишта); А.-и боғӣ — ассоциацияҳои сунъӣ, ки нумӯяшон аз тарафи инсон мунтазам танзиму назорат карда мешавад (боғҳо, ниҳолзору кишт зорҳо); А.-и хонагӣ (дастпарвар) — ассоциацияҳое, ки барои нумӯяшон муҳити хок ва обу ҳаво муҳайё ва танзим карда мешавад (зироатҳои гармхонагӣ, *аэропоника, гидропоника* ва ғ.).

М. Н. Нарзиқулов.

АГРОФОН, хосияти физикию химиявӣ ва ҳолати аз ҷиҳати ҳосилхезӣ ба талаботи агрономия мувофиқ будани хок. А.-ро дар растанипарварӣ бо мақсади корҳои тадқиқотӣ бо роҳи сунъӣ ташкил мекунанд. Селекционерон А.-ро дар селекция ва тухмипарварӣ васеъ ба кор мебаранд.

АГРОХИМИЯ, химияи агрономӣ, илмест, ки усулҳои таъсири процессҳои химиявӣ ва биохимиявиро ба хоку растанӣ, ғизои минералӣ, истифодаи нуриҳо ва воситаҳои химиявии мелиорацияи хок ва ғ.-ро бо мақсади пурқувват намудани замин ва фаровон гардонидани ҳосил меомӯзад. А. асоси илмии химикониии х. қ. буда, бо *хокшиносӣ*, зироатчигӣ, метеорология, физиология ва биохимияи растанӣ, микробиологияи х. қ., физика ва химия зич алоқаманд аст. Ғизогирии растаниҳо, таъсири тарафайни хоку нурӣ, омӯзиши самарапокии хелҳои ҷудогонаи нурӣ, усулҳои нурпандозӣ, мелиорацияи хок (оҳаку гаҷандозӣ), тадқиқ ва истифодаи воситаҳои химиявии маҳви алафҳои бегона қисмҳои асосии А. мебошанд. Дар Россия М. В. Ломоносов, Д. И. Менделеев, К. А. Тимирязев, Д. Н. Прянишников, М. Г. Павлов ва диг. ба А. асос гузоштаанд. Баъди Рев. Октябрь марказҳои калони тадқиқоти илмӣ, станцияи таҷрибавии агрохимиявӣ, кафедраҳои агрохимиявӣ дар назди ин-тҳои х. қ. ва ғ. буньёд гардиданд. С. 1964 дар СССР муассисаҳои умури агрохимиявӣ ташкил ёфтанд.

Дар Тоҷикистон 4 лабораторияи минтақавии агрохимиявӣ мавҷуд аст, ки онҳо дар масъалаҳои дуруст истифода бурдани нуриҳои минералию органикӣ ва тартиб додани картограммаи ҳосилхезии хок ба к-зу с-зҳои республика ёрӣ мерасонанд. ИТИ зироати Тоҷикистон, ИТИ хокшиносӣ, кафедраи агрохимияи Ин-ти х. қ.-и Тоҷикистон ва лабораторияи растаниҳои хӯроки чорвои Ин-ти ботаникаи АФ республика ва ғ. бо тадқиқоти агрохимиявӣ машғуланд.

АДАБ (ар. ادب ҷамъаш آداب одоб), хулқи нек, дониш, ҳунар. Дар асрҳои миёна маҷмӯи донишҳо, ки бо истилоҳи «улуми адабия» ё «фунуни адабия» таъбир мешуд. Дар бештари манбаъҳо ба қатори «улуми адабия» сарфу нахв, маонӣ, баён, бадеъ, арӯз, қофия, амсол, луғат, иштиқоқ, қироат, қоидаи хаттотиро дохил кардаанд. Баъзеҳо пакди шеър, таърих (муҳозирот), иншои наср ва анвои шеърро ҳам аз ин қабил дониста-анд. Шахсе, ки ин ҳунарҳоро аз ҳуд карда, дар зиндагӣ ба кор мебарад, адиб ном дорад. А. ё «улуми адабия» асоси филологияи асрҳои миёна буд.

АДАБИЁТ (ар. ادبيات ҷамъи адаб), ба маънои васеъ маҷмӯи осори хаттии халқе ё тамоми инсоният, вале бештар ба маънои А.-и бадеӣ истифода мешавад, ки аз диг. навъҳои А.: илмӣ, фалсафӣ ва ғ. фарқ дорад. Ба ин маъно А. навъи санъат — санъати сухан аст. Калимаи А. чун истилоҳ дар замони советӣ машҳур ва мавриди истифода шуд. Дар гузашта мафҳумҳои «улуми адабия», «фунуни адабия», «адаб», «назм», «наср» ва ғ. мавҷуд бошанд ҳам, маъноии имрӯзаи истилоҳи А.-ро нурра дар бар намегирифт. А. чун навъҳои диг. санъат мафкураи инсон ва рӯйдодҳои зиндагиро ба воситаи образҳои бадеӣ инъикос мекунад. Дар А. воситаи образофарӣ сухан, калима аст. А. бо ин хусусият аз дигар навъҳои санъат фарқ мекунад. А. аз се ҷинс — *эпос, лирика* ва *драма* иборат аст. Байни ҷинсҳои адабӣ ҷудоии қатъие нест, унсурҳои яке дар дигаре дида мешаванд. Бо вуҷуди ин ҳар кадоме аз ин ҷинсҳо хусусияти муайяне доранд. Образу характерҳо (типҳо)-и асари бадеӣ дар тасаввури хонанда ягон амалиёту ҳаракат ва ҷунбиши шавқию ботиниеро намоиш дода, процесси ҳаётро бо гуногунрангӣ намудор месозанд. Амалиёти образҳо вобаста ба вазъият ва муҳит инъикос меёбад. Маҷмӯи амалиёту ҳаракатҳо *сюжети* асарро ба вуҷуд меоранд.

Пайванди дохилии ҷузъиёти асар *композицияи* опро ташкил медиҳад. Воситаи асосии шакли асар ва асоси мазмуни он забони мебошад. Фақат ба воситаи тасвири забонӣ А. шакли предметӣ мегирад. Асари адабӣ аз рӯи мазмуну шакл ба навъ ва жанрҳо тақсим мешавад. Инкишофи ягон навъу жанри адабӣ ҳамеша ба талаботи замон тобеъ аст. Гуногунии методу услубҳо ва ҷараёнҳои адабӣ низ ба тақозои таърихии ҳаёти ҷамъият вобаста аст. А. (санъати сухан) дар заминаи эҷодиёти даҳолакии халқ, дар замонҳои хеле қадим пайдо шудааст. Дар осори А.-и қадима унсурҳои каломи бадеъ бо ҷузъиёти асотирӣ, динӣ, илмӣ, идеологӣ омехта буд. Мероси адабии қадимтарин марказҳои тамаддуни — Миср, Хитой, Ҳиндустон, Юнон, Рим, Эрон ва ғ. заминаи А.-и ҷаҳониро гузоштанд. Авесто, Таврот, «Мҳабҳарата», «Шицзин», достонҳои Гомер, драмаҳои Эсхил, Аристофан, Плавт, Калидаса, Анакреонт, Гораций, Катулл, Цюй Юань, ҳаҷвияҳои Лукиан ва Петроний, «Китоби Синдбод», «Калила ва Димна» шаклҳои гуногуни эҷоди бадеиро ба вуҷуд овардаанд. Дар асрҳои миёна, махсусан А.-и Шарқ инкишоф ёфта, достонҳои эпикии мӯҳташаме ба мисли «Рамаяна»-и ҳиндӣ, «Халиҷҳои дарьёӣ»-и хитоӣ, «Моногатари»-и японӣ, «Ҳазор афсона»-и эронӣ (сарманшаи «Ҳазору як шаб»-и ҳозира), достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Вис ва Ромин»-и Гургонӣ, «Ҳамса»-и Низомӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд; лирикҳои хитоӣ — Бо Цзюй-и, Ли Бо, форс-тоҷик — Рӯдакӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, японӣ — Мацуо Басё ва ғ. зуҳур карданд. Дар Европа достону повестҳои қаҳрамонӣ («Достони Роланд», «Достони Нибелунгҳо», «Гуфтор дар бораи полки Игорь» ва ғ.) ва шаклҳои нави лирикаю ҳаҷв пайдо шудаанд. Давраи нави инкишофи А.-и ҷаҳон аз замони Эҳьё оғоз меёбад. Дар ин давра А.-и Европаи Ғарбӣ ба дараҷаи олӣ тараққӣ карда, Данте, Боккаччо, Рабле, Шекспир, Сервантес асоси А.-и нави Европаро гузоштанд. Ин адибонро бештар ҳамчун асосгузорони А.-и реалистӣ медонанд. Аз давраи Эҳьё сар карда А.-и бадеӣ дар ҷодаи ҷараёнҳое, ки ҳар яке метод ва *сабки* муайян доранд, тараққӣ мекунад. Ҷараёнҳои асосие, ки дар а-ҳои 16—20 пайдо шуданд, *барокко, классицизм, маорифпарварӣ, романтизм, реализм, натурализм, символизм* мебошанд. Дар а. 20 ҷараёнҳои модерние паҳн шуданд, ки бо *декаданс* алоқаманданд. Вале реализм, ки дар а. 19 ба вуҷуд омада буд, дар А.-и ҳозираи ҷаҳон мавқеи пешқадам дорад. Дар арафаи а. 20 А.-и рус роли бағоят муҳимме бозид. Дар осори А. С. Пушкин, Н. В. Гоголь, Л. Н. Толстой, А. П. Чехов ва дигар саромадони А.-и рус типи нави эҷодиёти реалистӣ шакл гирифта, ба пояҳои нави халқияту гуманизм расид. Давомдиҳандаи анъанаҳои А.-и рус А. М. Горький ба методи *реализми социалистӣ* асос гузошт.

Ин метод дар аввали а. 20, дар давраи авҷи революцияҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, процесси ҳозираи таърихиро дар партаи ғояҳои социализм инъикос мекунад. Намояндагони А.-и а. 20 В. Маяковский, Б. Брехт, Я. Гашек, М. Шолохов, П. Неруда, Н. Ҳикмат, С. Айнӣ, М. Авезов ва диг. ба А.-и реализми социалистӣ дохил мешаванд. А.-ро илми *адабиётшиносӣ* меомӯзад.

Х. Шарифов.

АДАБИЁТИ БАЧАГОНА асарҳои бадеӣ, илмии бадеӣ, илмии оммавӣ, илмии фантастикие, ки махсус барои

бачаҳо навишта шудаанд. Одатан зери ин мафҳум асарҳои сершумори халқӣ, адабиёти пандомези классикони адабиёти форс-тоҷик, ҳиҷунин «Дон Кихот», «Робинзон Крузо», «Саргузашти Гулливер», «Саргузашти Мюнхаузен» барин асарҳои адабиёти олами низ фаҳмида мешаванд. Ин қабил асарҳо дар тарбияи маънавию эстетикӣ, дар инкишофи тафаккури бадеию илмии бачагон мақоми арзандае доранд. Фарқи А. б. аз адабиёти махсуси калонсолон на дар мавзӯъ, балки дар тарзи навишта он аст ва ин ҷо хусусияти ҳар синну сол, дарҷаи фаҳмиш, завқ ва хислати бачагон ба назар гирифта мешавад. А. б. дар тарбияи коммунистии насли наврас роли муҳим мебозад ва тамоми қувваҳои эҷодии адабиёти советиро фаро гирифтаast. Дар А. б. ҳам чун тамоми адабиёт муҳимтарин масъалаҳои давр — ҷангу сулҳ, садоқат ба халқу Ватан, муҳаббат ба анъанаҳои пешқадами гузаштагон, одобу ахлоқ, таълиму тарбия ва г. ба таҳдиқ гирифта мешавад. Бештари ин масъалаҳо аз муҳимтарин мавзӯъҳои бахши адабиёти классикии форс-тоҷик низ буданд. Шеъру достонҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Камол, Носири Хисрав, Ҷомӣ ва диг. насли наврасро дар рӯҳи хислатҳои неки инсонӣ тарбия менамоянд.

Як қисми осори классикони адабиёти форс-тоҷик, ки ба тарбияи насли наврас бахшида шудаast, дар шакли насиҳатнома таълиф ёфтаast. Унсурулмаолӣ Кайковус дар «Қобуснома» («Насиҳатнома»)-аш, ки яке аз асарҳои пурарзиши насри классикиast, зимни насиҳати фарзанди худ бисёр масъалаҳои вобаста ба одобу ахлоқ, илму донишро ба ҷо ба ҷиён гузоштаast. Насиҳатномаи падар ба фарзанд дар адабиёти мо низ аст («Насиҳат ба фарзанди худ Муҳаммад»-и Низомӣ, «Дар насиҳати фарзанди арҷмандӣ»-и Шоҳин ва г.), «Мушу гурба»-и Убайди Зокӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Баҳориёт»-и Саиҳдо ва г. аз асарҳои дастдоштаи бачагонаи ба шумор меравад. Эҷодиёти шифоҳии халқ низ бештарин намунаҳои А. б.-ро дорад, ки қисмаи аз онҳо дар маҷмуаҳои фольклорӣ («Бузаки ҷиҳилшоҳ», «Ҳаҷи тилисмиҳо», «Лаҳҳу Ҳаҳ», «Дарёи ҳиҷиҳ дорад», «Баҳори ҳолазор омад», «Ёр даҳҳо марҷон» ва г.) ба ҷиҳ расидаанд. А. б. советии тоҷик ҳамин анъанаҳоро меҳрас гирифтаast.

Нафрат ба олами сармоя, муҳаббат ба ҳаёти советӣ, тарбияи ахлоқи коммунистӣ ва ватандӯстии советӣ, интернационализм, пролетарӣ ва г. мазмуну моҳияти А. б.-ро ташкил медиҳад. Ин таҷрибаи ҳаёт ва ва таълимоти Ленин ва инкишофи Партияи Коммунисти Шӯрои ва ҳамаи дар китобҳои дарсӣ таҳлилбаҳо

забони тоҷикӣ» (1924), «Раҳбари донишҷӯ» (1926—28), «Китоби қироат барои синфи саввум» (1929), «5 дар 4» (1931) ва г. татбиқ шуда буд. С. Айнӣ чун асосгузори А. б. советии тоҷик дар тартиб додани китобҳои дарсӣ ва офаридани асарҳои бадеӣ хизмати бебаҳо кардаast. Ӯ таҷрибаи бои реалистии адабиёти рус ва диг. халқҳои советию ҷаҳонро омезиш дода «Хонадони хушбахт» («Таҳзиб-ус-сибьён» 1917), «Аҳмади девбанд» (1928), «Мактаби кӯҳна» (1934), «Ятим» (1939) барин асарҳо навишта, бачагонро дар рӯҳи нотарсию далерӣ, мардонагӣ, ватандӯстию халқпарварӣ, илму ҳунарамӯзӣ, некӯкорӣ ва г. тарбия мекард. А. Лоҳутӣ, А. Ҳамдӣ, М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, Раҳим Ҷалил, Ҳаким Карим, Суҳайлӣ, Б. Раҳимзода, П. Толис ва диг. чи ба воситаи таълифоти худашон ва чи тавассути тарҷумаи беҳтарин асарҳои бачагонаи советию ҷаҳонӣ дар инкишофи А. б. тоҷик саҳми арзанда доранд. Шеъру суруд ва достонҳои сершумори М. Миршакар («Мо аз Помир омадем», «Неъмат», «Федька», «Ленин дар Помир», «Бачагони Ҳиндустон» ва г.) аз дӯстдоштатарин асарҳои бачагон буда, дар инкишофи А. б.-и тоҷик таъсир расонданд. А. Шукӯҳи («Баррачаи гуреза», «ИЛ-18 омад» ва г.), Ғ. Мирзо («Достак», «Шайтони бекалӯшу маҳсӣ», «Афсонаи сесона, се мурғи дари хона» ва г.), У. Рачаб («Нинӣ чӣ ном дорад?», «Саду як барг», «Рӯи замин» ва г.), Гулчеҳра («Ду бех олу», «Наргис», «Чил кокули бозигар» ва г.), Н. Бақозода («Гулдара», «Шеърҳо, афсонаҳо, чистонҳо» ва г.) ва диг. асосан барои бачагони синну соли томактабӣ ва хурди мактабӣ асар менависанд ва бо мақсади ба завқ ва олами фаҳму идроки кӯдакон наздик кардан афсонаҳои халқиро аз нав таҳрир карда ё дар оҳангу зарб ва услуби асарҳои бачагонаи фольклорӣ асар эҷод менамоянд.

С-ҳои 60—70 пайваста ба инкишофи шеъру достон ва ҳикоя тавассути асарҳои М. Миршакар («Айёми шуҳоби Бирбал ва Акбар», «Дурдонаҳои Амрита»), А. Баҳорӣ («Ҷасорати доктор Мансур», «Мулоқот», «Занбӯри айёрандор», «Аҷоиботи Нодар», «Бозгашт» ва г.), А. Истад («Мавҷи хаёлот») қиссаю ҳикояҳои фантастикӣ пайдо шудаанд ва тавассути таълифоти А. Шукӯҳи («Об аз кӯҷо меояд?», «Асад ва Самад»), Б. Ортиқов («Таҳтиҷ», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор» ва г.) ва дигарон бошад, повести реалисти хеле инкишоф ёфт. С-ҳои охир драматургияи бачагонаи («Тошбек ва Гулқурбон», «Дур аз сарҳад»-и М. Миршакар, асари Гулрухсор «Гӯрӣ ачиҳадо» ва г.) низ шакл гирифт. Таъсири театри ҷавонон ва театри лутфан дар инкишофи драматургияи бачагонаи роли муҳим ҳоҳад бозид. А.

б. советӣ сифатан адабиёти типи нав аст ва ба ранҷбарони ҷаҳон гояҳои пешқадами замони мо — инсонияти парварӣ, сулҳ, дӯстию рафоқат, интернационализм, ватандӯстӣ ва г.-ро таргиб мекунад. Аз ин ҷиҳат А. б. бо адабиёти калонсолон дар як поя меистад.

Мақоми тарҷумаи бадеӣ аз адабиёти русу адабиёти халқҳои СССР ва ҷаҳон дар инкишофи А. б. тоҷик бузург аст. Хусусан асарҳои бачагонаи А. Пушкин, М. Лермонтов, Л. Толстой, М. Горький, В. Маяковский, Н. Островский, А. Гайдар, К. Чуковский, С. Михалков, С. Маршак, В. Катаев, Н. Носов, А. Барто ва диг. ганҷинаи А. б. тоҷикро пурратар карда, дар қувваи гирифтани ҷанбаи ҳаётию реалистӣ ва ташаккули сабки хоси А. б. тоҷик роли муҳим бозиданд.

Дар айни замон беҳтарин намунаҳои осори адибони тоҷик ба забони русӣ ва забони халқҳои советӣ тарҷума шуда, ба хазинаи маданияти маънавии халқҳои бародар дохил шудаанд.

Қарори КМ КПСС ва Совети Вазирони СССР «Оид ба роҳҳои минбаъд тараққӣ додани адабиёти бачагонаи советӣ» (1969) дар инкишофи А. б., дар роҳи минбаъд баланд бардоштани дарҷаи ғоявию бадеии он роли муҳим бозид ва мебозад.

Ад: Деҳотӣ А., Адабиёти бачагона қафо монда истодааст; Барои тараққиёти адабиёти бачагона; Муҳимтарин воситаи тарбияи коммунистии бачагон, Куллиёт, ҷ. 5, Д., 1966; Мақолаҳо оид ба адабиёти бачагона, Д., 1967; Амонов Р., Бачагон ва адабиёт, «Садои Шарқ», 1970, № 5; Адабиёти бачагонаи советии тоҷик. Хрестоматия барои институтҳои педагогӣ (тартиб. Ҷ. Бобокалонова), Д., 1971; Миршакар М., Дар бораи баъзе масъалаҳои адабиёти бачагон; Доир ба вазъият ва вазифаҳои адабиёти бачагона; Баъзе қайдҳо доир ба вазъияти адабиёти бачагонаи тоҷик, Куллиёт, ҷ. 3, кит. 1, Д., Шермуҳаммадов Б., Назми халқии бачагонаи тоҷик, Д., 1973.

Ю. Анбаров.

АДАБИЁТИ ДАРБОРӢ, ҷараёни адабии иртиҷоие, ки маъмулан дар шакли маҳфилҳои адабӣ дар дарбори подшоҳон, ҳокимон ва амирон фароҳам омада, манфиатҳои сиёсӣ ва иҷтимоии синфи ҳукмронро ифода мекард. Зиммаи дар хизмати дарбор будан ё набудани адиб нисбаташ ба А. д. тааллуқ доштан ва ё надоштани эҷодиёти ӯ наметавонад буд, зеро дар таъриҳи адабиёти форс-тоҷик бисёр адибоне гузаштаанд, ки агарчи дар дарбор умр ба сар бурдаанд ва ё аз аҳли он будаанд, мисли Рӯдакӣ, Низомии Арӯзӣ, Кайковус, Амир Хисрав ва дигарон, дар асарҳояшон гояҳои нек ва пешқадамро таргиб намудаанд. Ва ё баръакс адибоне ҳам будаанд, ки як умр беруна аз дарбор зиндагӣ карда бошанд ҳам, эҷодиёташонро ба манфиати аҳли дарбор — ҳукумати феодалӣ равона кардаанд.

А. д. ба забони тоҷикӣ (дарӣ) таърихи қадимӣ дорад. Қадимтарин намунаи асари А. д. қасидаи шоири а. 9 Муҳаммад Васиф аст, ки ба мадҳи лашкаркаш Лайс ибни Яъқуби Саффорӣ бахшида буд. Авҷи тараққиёти А. д. (дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик) ба замони ҳукмронии Ғазнавиён, Қарохониён, Салҷуқиён, Ғӯриён, Хоразмшоҳиён ва Шервоншоҳиён — а-ҳои 11 ва 13 рост меояд. Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Амъақи Бухорӣ, Рашидии Самарқандӣ, Муиззӣ, Адиб Собир, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Рашиди Ватвот, Заҳири Форьёбӣ ва Хоқонии Шервонӣ барин шоирони қасидасаро дар ҳамин давра зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Минбаъд А. д. ҳамчун ҷамъияти феодалӣ рӯ ба таназзул ниҳода, баъзан вобаста ба марказият пайдо кардани давлати феодалӣ аз нав зуҳур намудааст. Чунончи, дар нимаи дуюми а. 16 дар аҳди ҳукмронии Абдуллохони Шайбонӣ ба туфайли дар як марказ муттаҳид кардани қисми асосии Мовароуннаҳр ва Хуросон А. д. низ ҷон гирифт. Ба вуҷуд омадани қасидаҳои Абдурраҳмони Мушфиқӣ, «Абдуллонома»-и Бадруддин Абдуссаломи Кашмирӣ ва «Имомқулихонномa»-и Суҳайло (а. 17) аз ҳамин қабил воқеаҳои адабист. Дар аввалҳои а. 19 дар Хӯқанд, дар замони салтанати амир Умархон (ниг. *Амирӣ*), низ А. д. хеле ривоҷ ёфта буд.

Жанрҳои асосии А. д. қасидаи мадҳия ва таърихнома буд. Адибони дарборӣ навиштаҷоташонро маъмулан ба таърифҳои муболиғаомезу хушкухолии мамдӯҳон ва тавсифи пуриғроқи ҳашамат ва ишрати онҳо бахшида, шавкат ва қуввати бардурӯғи давлаташонро бо суханпардозиҳои аз ҳақиқат дур акс кунондаанд. «Шеър аз дурӯғ фурӯғ мегирад» — принципи асосии эҷодии онҳо буд ва ин бар хилофи принципи ҳақиқатнигории классикони форс-тоҷик буд, ки мегуфтанд: «Суханро беваре чун рости нест» (Ҷомӣ).

Аз ин сабаб намояндагони адабиёти пешқадам, хусусан шоирону нависандагони бузурги форс-тоҷик — Носири Хисрав, Масъуди Саъди Салмон, Убайди Зоконӣ, Ҷомӣ, Бедил, Сайидо, Аҳмади Дониш, Шоҳин ва дигарон ҳамеша моҳияти иртиҷоии эҷодиёти адибони дарбориро танқид кардаанд.

Муҳити номусоиди дарбор, завқи пасти аҳли он имконият надодааст, ки истеъдоди Фаррухию Манучеҳрӣ барин адибон пурра кушода гардад. Аз ҳамин сабаб қисме аз онҳо (Анварӣ, Саноӣ Хоқонӣ ва ғ.) дар охири умр дарборро тарк карда, ба ҷараёни пешқадами адабиёт ҳамроҳ шудаанд. Бо ин ҳама хизмати шоирону нависандагони дарбориро махсусан дар таҳаввули забони адабӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ инкор наметавон кард.

Дар эҷодиёти адибони дарборӣ илова бар мадҳу таърифи намояндагони табақаҳои ҳукмрони ҷамъият баёни мазмунҳои динию мазҳабӣ низ мавқеъ дошт. Ин ҳолат дар осори адибони дарбории а-ҳои 18 ва 19 бештар ба мушоҳида мерасад.

А. д. моҳияти иртиҷоӣ дошта, сохти пӯсидаи феодалиро бо ҳар роҳ таъриф мекард.

Ад.: Мирзоев А., Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он, «Шарқи Сурх», 1959, № 4; Ҳусейнзода Ш., Адабиёти тоҷик, Китоби дарсӣ барои с. 8, Д., 1971.

А. Сатторов.

АДАБИЁТИ ДЕТЕКТИВ (лот. detectio — фош кардан), навъи адабиёти бадеиест, ки ҳодисаҳои печ дар печ ва мураккаби дорои хусусияти ҷиноиро бо ёрии санҷишу таҳлили мантиқӣ ба таври бадеӣ мекушояд. Пайдоиши А. д. бо сохти ҷамъиятии буржуазӣ, тезутундшавии рақобати синфӣ, иҷтимоӣ, бо равнақи шаҳрҳо ва афзудани ҷиноятҳо алоқаманд мебошад. Нависандаи америкоӣ Эдгар По («Куштор дар кӯчаи Морг», 1841; «Сирри Мария Рожe», 1842—43; «Мактуби дуздида», 1854) асосгузори А. д. эътироф гардидааст. Ин жанр дар Англия (А. К. Дойл), Франция (Э. Габориб) ва диг. мамлакатҳо низ хеле тараққӣ кард. А. д. дар а. 20 ба авҷи инкишоф расид. Як қисм асарҳои детектив дар асоси материалҳои илмӣ ва ҳуҷҷатӣ (О. Фримен, Ф. У. Крофсот), бархе аз рӯи интуиция ва таъсири психологӣ ба ҷиноятқор (Г. К. Честерсон, А. Кристи) эҷод гардидаанд. Ба ин восита ду роҳи офариниши образи детективӣ ба миён омад: яке услуби интеллектуалӣ, ки ба таҳлил ва тафтиши илмии ҳодисаҳо диққат медиҳад, дигаре услуби саргузаштӣ, ки печ дар печ ва пурмоҷарост. Дар с-ҳои баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар мамлакатҳои Ғарб «романи сиёҳ» ба вуҷуд омад, ки дар маркази он мавзӯъҳои кушторҳо, ваҳшоният, бадахлоқӣ, ҷиноятҳои ҷосусон гузошта шудаанд. С-ҳои 50—60 ба забони англисӣ соле 500 асари детективӣ нашр мешуд.

А. д.-и советӣ хислатҳои романтикӣ дошта, корномаҳои қаҳрамононро бар зидди боқимондаҳои ҷамъияти кӯҳна ва ҷосусону хоинони зархариди хориҷӣ инъикос менамояд. Роман-афсонаи М. Шагинян — «Месс-Менд» (1924) аввалин асари детективӣ мебошад. Дар ибтидо мавзӯи асосии А. д. мавзӯи ҷосусӣ бошад, баъди ҷанг доир ба коркунони милиция (А. Адамов, Ю. Семёнов, Р. Ким) асарҳои детективӣ пайдо шуданд. Шерлок Холмс — қаҳрамони машҳуртарини А. д. ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти тоҷик низ асарҳои детективӣ пайдо шуда истодаанд («Тири хокхӯрда»-и Ф. Муҳаммадиев). А. д. каму беш бо адабиёти саргузаштӣ қаробат дорад.

С. Табаров.

АДАБИЁТИ ДИДАКТИКӢ (юн. didaktikos — таълимӣ, насиҳатомез), як намуди адабиёти бадеъ, ки ғоя ва донишҳои инсонӣ, ақидаҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, илмӣ ва динии давраи муайяни таърихиро ба таври бадеӣ дарбар мегирад. Яке аз сарчашмаҳои А. д. эҷодиёти даҳанакии халқ (зарбулмасал ва маҳолҳо, шеъру ҳикоятҳо, андарз) мебошад. Аввалин намунаҳои барҷастаи асарҳои А. д. дар Ҳиндустон («Шукасаптатӣ», «Панчатантра») ва Хитой («Лунюй», достони фалсафии Лаоцзы — «Дао-дэ-цзин») пеш аз милод ба майдон омада буданд. А. д. дар Юнону Рими Қадим (Гесиод, Вергилий, Гораций), дар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ (Эразми Роттердамӣ, Лютер, Лафонтен, Лессинг, Гёте, Ричардсон) ҳам ривоҷ ёфта буд. Дар адабиёти қадими форс-тоҷик матни ақидаҳои Зардушт, андарзҳои Нӯшервон ва ғ. нахустин намунаҳои А. д. ба шумор мераванд. Дар адабиёти классикӣ ба монанди «Синдбоднома», «Марзбоннома», «Калила ва Димна», «Қобуснома» (Унсурулмаолии Кайковус), «Анвори Суҳайлӣ» (Ҳусайни Воизи Кошифӣ), «Маҳбуб-ул-қулуб» (Барҳурдори Фароҳӣ) ва бисьёр асарҳои диг. ба вуҷуд омада буданд. Ашъори лирикии Рӯдакӣ, андарзҳои Ансорӣ, Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Носири Хисрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ низ хусусияти дидактикӣ доранд. «Рӯшноинома», «Саодатнома», «Мунозира бо худо» (Носири Хисрав), «Сиёсатнома» (Низомулмулк), «Гулистон», «Бӯстон» (Саъдӣ), «Баҳористон» (Ҷомӣ), «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (Восифӣ), «Дастур-ул-мулук» (Самандархоҷа) ва ғайра моҳияти дидактикӣ доранд. Дар насри ривоятии адабиёти форс-тоҷик, аз ҷумла, дар «Чор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Самаки айёр», «Саргузашти Ҳотам», «Баҳори дониш» (Иноятуллоҳи Канбу) барин китобҳо ҳам мазмуни дидактикӣ хеле пурзӯр мебошад. Намунаи асарҳои дидактикиро дар адабиёти рус дар апокрифҳо, ривоятномаҳои авлиёҳо, асарҳои М. В. Ломоносов, А. П. Сумароков, М. М. Херасков, В. И. Майков, инчунин дар адабиёти халқҳои СССР (Шота Руставели, Орбелиани, Навоӣ, Фузулӣ, Абай, Махтумқулӣ) мушоҳида кардан мумкин аст.

С. Табаров.

АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ (лот. classicos — мумтоз, аввалиндараҷа), адабиёти пешқадами гузашта, ки ба он мавзӯву мазмунҳои инсондӯстӣ, ғояҳои нек ва санъати баланд хос аст. Намояндагони А. к. анъанаҳои пешқадами саромадонро давом дода, дар шакл ва мундариҷаи осорашон навовариҳо кардаанд, ки навӣ ва бозьёфтҳои эҷодии онҳо боиси тараққиёти минбаъдаи ҷараёни пешқадами адабиёт гардидааст. Эҷодиёти адиби классик на танҳо дар адабиёти миллӣ мавқеъ меёбад, инчу-

нии ба ганчинаи адабиёти ҷаҳонӣ низ дохил мешавад. Дар замони мо ҳам адибонеро, ки дар пешрафти адабиёти халқи худ саҳми намоёнро гузошта, ба адабиёти миллатҳои диг. таъсири бобаракат мерасонанд, классик меноманд. Аз ҷумла нависандагони машҳури советӣ М. Горький, В. Маяковский, А. Твардовский, М. Шолохов, С. Айнӣ, М. Авезов ҳамчун классикони адабиёти муосир шинохта шудаанд.

А. к.-и мо аз а. 10 ибтидо гирифта то а. 20 давом кардааст. Асосгузори он Рӯдакист. Ин А. ба ду давраи калон таксим мешавад: давраи якум — адабиёти а-ҳои 10—15-ро дарбар гирифта, ба замони тараққиёти ҷамъияти феодалӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон рост меояд. Адабиёти давраи таназзули феодализм (а-ҳои 16—ибт. а. 20) давраи дуюмро ташкил медиҳад.

Адабиёти а-ҳои 10—15 *(адабиёти форс-тоҷик)*, ки мероси муштараки тоҷикон ва эрониён аст, аз аввалҳои а. 19 диққати шарқшиносони Ғарбро ба худ ҷалб карда бошад, адабиёти асрҳои баъдина танҳо аз охирҳои а. 19 мавриди назари мураттибони баъзе аз фехристҳо қарор гирифт.

Сабаби асосии рӯй додани ин ҳолат, аз як тараф, барои муқаддиқони буржуазӣ дастрас набудани мероси адабии давраи охир бошад, аз тарафи дигар, дар тасаввуроти беасоси онҳо нисбат ба адабиёти форсилабони ин асрҳост. Ба ақидаи онҳо А. в. и мо бо Абдурраҳмони Ҷомӣ поён ёфта, адабиёти минбаъда фақат аз тақлид ва такрори мероси адабии гузаштагон иборат мебошад.

Тадқиқоти шарқшиносони советӣ, махсусан адабиётшиносони тоҷик на танҳо нодурустии назарияи олимони буржуазиро дар бораи адабиёти ин асрҳо ошкор намуд, балки ба исбот расонид, ки адабиёти а-ҳои 16 — ибтидои а. 20-и тоҷик давоми маниқии адабиёти а-ҳои 10—15 буда, дорои хусусиятҳо ҳам мебошад.

Дар А. к.-и мо муҳиммиятро давраи таъриҳии давлатҳо, бунёди давлати мераванди тоҷикон — давлати Сомониён дар а. 10, ба давлатҳои турку забон чудо шудани Осиёи Миёна (а-ҳои 11—12), муборизаи ошкоровонаи мардуми тоҷик бар ҳаҷми истилогаронаи мутуҷ (а-ҳои 13—14), ҳаёти ҳаёти ичтимоӣ ва маданӣ дар а. 15, давраи таназзули феодалӣ, ба маёни ошкорои ташкилоти мутеъсиботи капиталистӣ ва ҳоҳиши мавриф(ваҳ)ро дар ин сарзамин ба ҳаракат гардонд, дар ҳаҷтарин намудҳо ва сиҳҳо дурахшонии ақидаҳои бунёдӣ ва пешрафтаи халқ, ки дар роҳи мубориза ва бедоҳ(ва) мавҷудиятро ҳифзу ҳимоя кардаанд, таъсир ёфтаанд.

А. к. ҳамчун ҷузъиёти тафаккури бадеии халқи тоҷик дар роҳи ҳаёти ичтимоӣ, ҳаёти ичтимоӣ ва ҳаёти мардуми сарчашмаи бебаҳо аст. Таркиби ин ҷузъиёт, ҳосиятҳо, ҳолу ҳаракат, ахлоқи ҳамида, ишқи пок, ватанпарварӣ, идеали шоҳи одилу маърифатдӯст, таваҷҷӯҳ ба мардумони меҳнатӣ — ҳунармандону деҳқонон, озодфикрӣ ва маорифпарварӣ аз мавзӯъ, мазмун ва ғояҳои асосии А. к.-и мо ба шумор меравад.

А. к.-и форс-тоҷик аз ҷумлаи пурсарваттарин адабиёти ҷаҳон буда, осори бузургтарин намояндагони он Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Носири Хисрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва дигарон шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд. Эҷодиёти онҳо мавриди таваҷҷӯҳ ва истифодаи Лафонтен, Гёте, Гейне, Гегель, Чернышевский, Пушкин, Фет, Есенин барин адибони забардаст қарор гирифта бошад ҳам, танҳо баъд аз Рев. Октябрь, ба шарофати Ҳокимияти Советӣ пурра дастраси ҳонандагон гардид.

А. к. яке аз сарчашмаҳои асосии тараққиёти адабиёти муосир мебошад. Шоиру нависандагони советии тоҷик аз асарҳои саромадони адабиёти форс-тоҷик ва халқҳои дигари дунёӣ, махсусан А. к. рус, ки аз қуллаҳои баландтарини адабиёти ҷаҳонист, дарси маҳорати адабӣ мегиранд.

А. Сатторов.

АДАБИЁТИ КОСМОГРАФӢ, намуди махсуси адабиёти илмию оммавӣ, бо истилоҳи «аҷоибот» низ маълум аст, ки он дар ибтидои асрҳои миёна дар адабиёти географии форсизабону арабизабон ба вуҷуд омада буд. А. к. мувофиқи ақидаи муаллифонаш мебоист зуҳуроти тамоми воқеаҳои табиатро дар вобастагии диалектикӣ бо кайҳон (макрокосм) ва инсон (микрокосм) ба таври илмию бадеӣ тасвир менамуд. Намояндаи аввалини адабиёти космографии форсизабони Абулмуайиди Балхист (ох. а. 9—ибт. а. 10). Асари ӯ «Аҷоиб-ул-барру баҳр» қисмаи боқӣ монда аст. Муаллифи дигар Ибн-ал-Фақеҳи Ҳамадонӣ (ибт. а. 10) буда, «Китоб-ул-аҷоиб»-и ӯ то ба мо нарасидааст. Намояндагони А. к.-и араб Ибни Руста (а. 9) ва Ал-Ҷаҳиз (ваф. 869) мебошанд. Ба А. к. тасвири соф илмии сатҳи Замин ва олами набототу ҳайвонот, ки хусусияти анъанавии адабиёти географист, хос нест. Баробари маълумоти адабиёти таъриҳию географӣ ва этнографӣ А. к. маълумоти астрономӣ (илми нуҷум), табиатшиносӣ, минералогӣ ва тиббиро, ки таҷрибаи олимони давраҳои дурударозро дарбар гирифта, ба сарчашмаҳои ҳиндию юнонӣ ва эронию араби асос ёфтаанд, мураттаб сохтааст. Илова бар ин, дар аксар маврид ҳамоно «аҷоибот» ба ривоятҳо ва мушоҳидаҳои воравшаи асос ёфта бошад ҳам, ба воқеаҳо реалианд. Маълумоти таъриҳию ҳуҷҷатӣ дар А. к. бо афсонаҳо ривоятҳои халқӣ омеҳта шудаанд. Асарҳои космографӣ, маъмулан бо ҳаритаҳои географии шаҳру манзараҳои табиат, тасвири дасру қалъаҳо, бутхонаҳо, иччунин бо минётураҳое, ки дар онҳо аксе одамон, ҳайвонот ва растаниҳо кашида шудаанд, зинат меёфтанд. Вобаста ба мазмуну мундариҷа А. к. ба асарҳои географӣ («Аҷоиб-ул-арз», «Аҷоиб-ул-баҳр», «Аҷоиб-уд-дунёӣ», «Аҷоиб-ул-Ҳинд»), биологӣ («Аҷоиб-ул-ҳайвонот»), дидактикӣ («Аҷоибнома», «Аҷоиб-ул-ҳикоёт», «Аҷоиб-ул-муҳаммот»), динӣ («Аҷоиб-ут-таҷвид», «Аҷоиб-ул-қисас»), универсалӣ (аз қабили «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот») ва ғ. таҳсим мешавад. Ин адабиёт дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ба вуҷуд омада, тараққӣ кард ва баъд дар миёнаи а. 12, хусусан дар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна, машҳур гардид. Минбаъд асарҳои космографӣ аз форсӣ ба забонҳои туркӣ, арманӣ, гурҷӣ, забонҳои қадими славянӣ тарҷума карда шуданд. Дар а-ҳои 13—14 А. к.-и Шарқ дар Европаи Ғарбӣ низ муқаллидони худро пайдо кард, ки осори онҳо бо истилоҳи лотинӣ «mirabilia» («аҷоибот») маъруф гардид. Дар охирҳои а. 17 ва аввалҳои а. 18 А. к. тадричан истиқлолияти худро гум карда, дар а. 19 бо шаклҳои дигари адабӣ омеҳта мешавад.

Ю. С. Мальцев.

АДАБИЁТИ СОВЕТӢ, адабиёти бадеии халқҳои СССР, ки баъди Рев. Октябрь ба вуҷуд омадааст. Революция ва сохти социалистӣ дар тафаккури гурӯҳҳои ичтимоӣ ва миллатҳои Иттифоқи Советӣ табаддулот дароварда, умумияти нави таъриҳии одамон — халқи советиро ба вуҷуд овард. Ҳамин умумияти нави таъриҳии одамон на танҳо ягонагӣ ва ҳамраъйии сиёсию ичтимоии тамоми миллатҳои социалистиро таъмин намуд, иччунин ба хусусиятҳои муштарак, ба ягонагии идеали бадеию эстетикии тамоми адабиёт ва санъати социалистӣ асос гузошт.

Ба вуҷуд омадани адабиёт ва санъати сермиллати советӣ дар таъриҳи маданияти ҷаҳон воқеаи тамоман нав аст. Социализм чи барои гул-гул шукуфии ҳар як адабиёти миллӣ ва чи барои бо ҳам бештар наздик шудани онҳо шароити мусоиде фароҳам меоварад.

Дар давраи социализми мутараққӣ ва гузаштан ба сохтмони коммунизм мафҳуми А. с. ба мисли халқи советӣ мазмуни нав пайдо карда истодааст. Умумият ва қаробати адабиёти халқҳои советӣ сабаби гум шудан ва ё аз байн рафтани хусусияти миллии онҳо намегардад, балки адабиёти ҳар як миллати социалистӣ ба туфайли аз ҳамдигар омӯхтан ва мубодилаи таҷриба боз ҳам бойтар, пурмазмунтар ва баландсанъаттар мешавад.

Адибони гуногунзабони советӣ дар асоси тезиси марксистӣ-ленинии «ҳар як миллат метавонад ва боид аз дигарон омӯзад» (К. Маркс и







Ба мақ. Анатомия. Расми 1. Устухонбандӣ ва мушакҳо: 1. Мушаки ишора. 2. Шоҳмушаки сари сина. 3. Мушаки душоха. 4. Мушаки рости шикам. 5. Мушаки соид. 6. Мушаки дарэӣ. 7. Мушаки соқ. 8. Устухонбандии панҷаи по. 9. Устухони калон ва хурди соқ. 10. Устухони рон. 11. Устухони кос. 12. Устухонбандии панҷаи даст. 13. Устухони оринҷ ва соид. 14. Устухони китф. 15. Шона. 16. Қулфак. 17. Сари сина. 18. Сутунмӯҳра. Расми 2. Мушаки сар: 1. Мушаки мудаввари чашм. 2 Мушаки хоиш. 3. Мушаки мудаввари даҳон. Расми 3. Ҷумҷума ва паҳлӯ: 1. Устухони пешона. 2. Устухони фарқи сар. 3. Устухони чакка. 4. Устухони ақиби сар. 5. Чангак. 6. Сӯрохии беруниии сомеа. 7. Ҷоги поён. 8. Ҷоги боло. Расми 4. Мушаки тахтапушт: 1. Дельташакл. 2. Трапециящакл. 3. Мушаки паҳнои тахтапушт. 4. Мушаки сешохаи китф.



Расм 5



Расм 7

Расм 8



Расм 8



Расм 9

Расм 5. Одамнинг ички аъзолари схемаси: 1, 10. Шуш. 2. Юрак. 3. Диафрагма. 4. Меъда. 5. Ингичка ичак. 6. Жигар. 7. Йўғон ичак. 8. Ҳиқилдоқ. 9. Қорин. Расм 6. Ҳиқилдоқнинг: 1. Ҳиқилдоқ олди. 2. Ҳиқилдоқ ости. 3. Ҳиқилдоқ олдиги. 4. Ҳиқилдоқ қирраларининг: 5. Ҳиқилдоқ ости. 6. Ҳиқилдоқ ости. Расм 7. Миянинг пастки сирти: 1. Чўзиқ ва чанқоқ марказлари сирти. 2. Катта ярим шар. 3. Миячанг. 4. Миячанг дарвозаси. 5. Бурунча. 6. Гипофиз. 7. Асаб боғлари. Расм 8. Чаккада: 1. Ўрта чаккада. 2. Асаб боғлари. 3. Мушакли чаккада. 4. Ички чаккада. 5. Ташқаридан. Расм 9. Ўрта: 1. Кичикроқ чаккада. 2. Кўпчалик. 3. Ҳалқасимон мушакдаги. 4. Ҳалқум. 5. Ички Евстахий. 6. Сулаймонда. 7. Ички бирунчак ичида. 8. Суффия ўрта.

Ф. Энгельс, Собр. соч., т. 23, М., 1962, с. 10) амал карда, ганҷинаи адабиёти миллии худро бо мавзӯъ, ғоя, жанр, равияи эҷодӣ, услубҳои гуногуни бадеии нав ва ғ. пурра мекунанд ва дар айни замон ба сарвати бадеии адабиёти сермиллати советӣ ҳисса мегузоранд. А. с. мазмуни социалистӣ, шакли миллӣ ва рӯҳи интернационалӣ дошта, роҳи ягонаи таҳрихиро аз сар гузаронида истодааст, ки ин процесс аз с-ҳои 20 оғоз ёфта буд. Ба тадриҷ дар адабиёти ҳар як миллати советӣ шакл гирифтан ва инкишоф ёфтани жанр, намуд ва ҷинсҳои нави адабӣ, аз худ гардидани принципу қонунҳои методи реализми социалистӣ, инъикоси мавзӯъҳои замон, офаринриши образ ва характери одами нав натиҷаи аз якдигар омӯхтан ва мубодилаи таҷрибаи эҷодии адабиётҳои миллии советӣ мебошад. Дар ҳалли ин проблемаҳо роли адабиёти рус бағоят муҳим аст.

Дар с-ҳои 20—30 дар баробари нависандагони машҳури советӣ, ки эҷодиёти қисме аз онҳо пеш аз Рев. Октябрь сурат гирифта буд, ба майдони адабиёт гурӯҳи адибони боистеъдод дохил шуда, дар равия ва услубҳои гуногун дар мавзӯи рӯз асарҳои баландғоя ба вуҷуд оварданд. Дар ин солҳо дар ҳар як адабиёти миллӣ ҷустуҷӯи услуби эҷодӣ, омӯзиши анъанаҳои адабиёти якдигар ва навиовариҳо ба миён омадан гирифт, ки сабаби аз ҷиҳати мавзӯю ғоя афзудани сарвати онҳо гардида, барои инъикоси конфликтҳои ҳаётӣ ва офарида шудани типу характерҳои барҷаста, аз ҷумла образи одами нав василаи муҳимме гардид.

Адабиёти халқҳои советӣ дар процесси инкишоф аз се сарчашма: фольклор, адабиёти классикии миллӣ ва адабиёти классикии советии рус баҳраманд гардидааст. Ин адабиёт ба назарияи ленинии мавҷудияти ду маданият дар ҳар маданияти миллӣ такья намуда, дар муборизаи бо ҳама гуна ақидаю равияҳои реакционӣ ва зиддихалқӣ ташаккул ёфт ва мустаҳкам шуд. Дар инкишофи адабиёт ва санъати советӣ қарор ва ҳуҷҷатҳои партиявӣ роли муҳим бозиданд ва бозида истодаанд. Ташаккули А. с. бо боигарии мазмун, мавзӯъ ва барҷастагии пафоси ғоявии асарҳои нависандагони советӣ алоқаманд аст. А. с. дар ҳар марҳилаи сохтмони ҷамъияти коммунистӣ мавзӯъ ва масъалаҳоеро дар маркази тадқиқ мегузорад, ки аҳамияти фавқулодда калон доранд. Ҳамин хусусиятҳои ягонаи ғоявию эстетикӣ ва мавзӯӣ, ба ҳаёти халқ ва замон ҳамқадам будан, боигарии услубӣ ва жанрии эҷодиёти нависандагони советӣ боиси «ба тамоми халқҳои Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ ва вилоятҳои мухтор хизмат кардани адабиёти давраи советӣ» (М. Горький о литературе, М., 1961, с. 451) гардиданд. Ҳамаи ин барои аз ҷиҳати ташкилӣ ба ИН СССР муттаҳид гардидани ассоциация ва гурӯҳҳои адабӣ василаи гардид. Аз минбари съезди якуми нависандагони советӣ «Адабиёти гуногунтоифаи ҳамаи халқҳои мо ягона аст» гуфтани М. Горький аз пайдоиш ва ташаккули адабиёти ягонаи мазмунан социалистию шаклан миллии халқҳои советӣ гувоҳӣ медод.

Дар с-ҳои 30 асарҳои нависандагони гуногунмиллати советӣ (М. Горький, А. Фадеев, М. Шолохов, А. Твардовский, А. Новиков-Прибой, А. Гайдар, М. Бажан, А. Корнейчук, Я. Купала, Я. Колас, Самад Вурғун, Г. Табидзе, А. Исаакян, Ғафур Ғулом, Б. Карбобоев, М. Авезов, А. Тӯқумбоев, Мӯсо Ҷалил ва ғ.) ва адибони тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, Пайрав Сулаймонӣ, А. Деҳотӣ, Ҳаким Карим, М. Миршакар, Ҳ. Юсуфӣ, Ҷ. Икромӣ, Раҳим Ҷалил, С. Улуғзода, Ҷ. Суҳайлӣ, М. Аминзода ва дигарон дар мавзӯъҳои гуногуни сохтмони социалистӣ, дӯстии халқҳо, ҳимояи Ватани социалистӣ, ташкили колхозҳо, муборизаҳои синфӣ, инъикоси рӯҳия ва характери одами нав ва ғ. навишта шудаанд.

Реализми социалистӣ ҳамчун методи эҷодие, ки ҳақиқати ҳаётро ба таври конкретӣ дар тараққиёти революционии он инъикос мекунад, дар съезди якуми нависандагони СССР (1934) аз тарафи ҳамаи адибони гуногунзабони Иттифоқи Советӣ эътироф гардид, ки ин барои инкишофи адабиётҳои миллӣ ва баҳамназдикшавии онҳо бештар мусоидат кард.

Дар асарҳои адибони советӣ вусъати проблемаҳо, ташаккули характерҳои типӣ, тадқиқи психологӣ ва фалсафии конфликтҳо ва ғ. беш аз пеш зиёд мегардад. А. с. дар асоси ягонагии принципҳои бадеию эстетикӣ, муҳимтарин дастурҳои реализми социалистӣ ташаккул ёфта, ба дараҷаи олии тараққии худ расид ва ба санъаткорони мутамаддини олам нишонаҳои асосии адабиёти ояндаи умуминсониро намоиш дод.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои нависандагони советӣ имтиҳони ҷиддӣ гардид. Садҳо адибони советӣ дар фронт буданд. Онҳо чи дар фронт ва чи дар ақибгоҳ дар мақолаҳои публицистӣ, очерку ҳикоя, фельетону памфлет, шеърҳои сиёсию граждани ва ҳаҷвӣ, дар повесту роман, достону драмаҳои худ лаҳзаҳои пуршиддати ҷанг, образи қаҳрамонони майдони муҳориба, корнамоиҳои шахсони таҳрихӣ, ғояҳои баланди ватандӯстӣ, дӯстии халқҳо, интернационализми пролетарӣ ва ғ.-ро инъикос менамуданд. Ягонагӣ ва аз ҷиҳати мавзӯу ғоя ва хусусиятҳои бадеию эстетикӣ ба ҳам наздик будани адабиёти халқҳои советиро дар осори солҳои ҷанг боз равшантар мушоҳида кардан мумкин аст.

Процесси равобит ва баҳамназдикшавии адабиёти сермиллати советӣ дар солҳои баъди ҷанг равнаки бештар ёфт. Дар ин давра на танҳо дар эҷодиёти адибони ҷудогона ва дар регионҳои алоҳида, инчунин дар тамоми А. с. хусусиятҳои ба ҳам наздики мавзӯию ғоявӣ ва типологию генетикиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар тарзи офаринриши образу характерҳои типӣ, инъикоси олами маънавии қаҳрамон, равия ва услубҳои гуногун зоҳир мегардад.

Съезди 20 КПСС дар тамоми соҳаҳои ҳаёти моддӣ ва маънавии халқи советӣ як қатор чорабиниҳои муҳимме гузаронд, ки барои равнаки минбаъдаи адабиёт ва санъати советӣ низ таъсири босамар расонданд, дар ҳалли як қатор масъалаҳои адабию эстетикӣ оғози давраи нав А. с. гардид. Съезди 22 КПСС, ки Программаи нави партияро қабул кард, нишондодҳои съездҳои 23, 24 ва 25 КПСС барои инкишофи минбаъдаи адабиёти сермиллати советӣ, такомули ҷиҳатҳои ғоявию тематикии он, ривоҷи фаъолияти эҷодии адибони ҳамаи миллатҳои социалистӣ мусоидат карданд. Нависандагони гуногунзабони советӣ (К. Федин, М. Шолохов, Н. Тихонов, М. Бажан, О. Гончар, П. Бровка, М. Танк, Г. Абашидзе, И. Абашидзе, Э. Межелайтис, Ю. Марцинкявичюс, А. Лупан, М. Ибрӣҳимов, С. Рустам, М. Карим, Р. Ҳамзатов, Қ. Қулиев, Д. Кугултинов, Б. Сайтоқов, А. Нурпеисов, Ч. Айтматов, Ш. Рашидов, К. Яшин, Зулфия, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, М. Миршакар, Ф. Муҳаммадиев ва ғ.) бо асарҳои баландғояву олисанъати худ А. с.-ро ба қуллаҳои баландтар бардошта, барои тарбияи одами нави ҷамъияти коммунистӣ саҳми калоне гузошта истодаанд. Партияи Коммунистӣ ва Ҳукумати Советӣ дар ҳаққи ходимони адабиёт ва санъат ҳамеша ғамхорӣ мекунанд. Бо ордену медальҳо, унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ ва ҷоизаҳои давлатӣ (Мукофоти ленинӣ ва давлатии СССР) сарфароз карда шудани адибони советӣ зуҳуроти ҳамин ғамхорист.

Асарҳои барҷастаи А. с. дар байни хонандагони хориҷӣ низ обрӯ ва эътибори зиёде доранд. Беш аз пеш афзудани тарҷумаи асарҳои нависандагони советӣ ва ба вуҷуд омадани тадқиқотҳои нав ба нави олимони хориҷӣ роҷеъ ба А. с., бо нишонҳои фахрӣ ва ҷоизаҳои байналхалқӣ сарфароз шудани адибони ҷудогонаи мо ифодаи эътирофи умум гардидани А. с. мебошад.

Муносибатҳои нави маданӣ шаклҳои нави равобити адабиро ба вуҷуд оварда, барои тадриҷан ташаккул ёфтани адабиёти умуминсонии коммунистӣ заминаи муносибе муҳайё менамоянд.

Ад. Маркс К. и Энгельс Ф. Об искусстве, т. 1—2. М., 1957; Ленин В. И. О литературе и искусстве. М., 1969; Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик, ч. 1—2. Сталинобод, 1958—57; М. Горький о литературе. М., 1961; Очерк истории таджикской советской литературы. М., 1961; История многонациональной советской литературы, тт. 1—6. М., 1970—74.

С. Таборов

АДАБИЁТИ СУФИЯ, маҷмӯи осори назму насри, ки ақоиди суфиён (*тасаввуф*)-ро ифода ва тарғиб мекунад. Норозӣ будан аз сиёсати пешгирифтаи оҳирин намояндагони хонадони Умавиён сабаби ривоҷ ёфтани ҳаракати зоҳидону обидон гардид, ки ин ҳаракат дар а. 8 барои пайдоиши тасаввуф заминае ба вуҷуд овард. Дар а-ҳои 9—10 тасаввуф ба як системаи комил таблил ёфта, ба адабиёти забони араб ва форс-тоҷик дохил гардид ва баъдтар ба адабиёти халқҳои туркизабон, афғон, ҳинд ва г. низ роҳ ёфт.

Адабиёти форс-тоҷик, ки то а. 11 аз ғазалҳои ошиқона, қасидаҳои мадҳ, васфи ҳоли маснавиҳои ҳамосӣ, осори назму насри ахлоқӣ ва ирфонӣ иборат буд, аз ибтидои а. 11 дар ин ду чаҳорӣ нав фалсафиёнаи диниро намояндатошӣ. Носири Хисрав, Умари Хайём ва г. ба тасаввуф пайдо шуд. Аҳли тасаввуф, ки собиқан ба шеъру шоирӣ рағбат надоштанд, аз ибтидои а. 11 сарбарда суруд ва мусиқиро ҳамчун воситаи муҳими таълимоти суфиёна ба кор бурдан гирифтанд. Дар Хуросону Мовароуннаҳр бозӣ шавқоии суфиён масҷиду хонақоҳ, маҳалҳо ақд карда, ба ҳаҷвиҳо таъсир мекарданд. Дар ин ҷо ҳаҷвиҳо ҳиндаки ашъори ошиқонаро ба ҳаҷвиёт ривоят, қиссаву ҳикоят ривоҷ ёфтан гирифт. Аз пешгоҳони суфиёна *Абусаъиди Маҳанӣ* аввалин ба ин дар маҷлисҳои суфиёна ҳиндаки шеъри форсӣ-тоҷикиро ҷорӣ кард. Дар Хуросон ҳаммасаҳбонаш ашъори ӯро давом додаанд. Шеъриёти Абусаъид таъсиру таъсирро дар таълифоти ҳуд аз ашъори Рӯдакӣ ва дигар муаллифони пешинаи ифодаи мешиддааст. Дар маҷмӯаи рубоиёти дубайтиҳояш, ки ба Абусаъид нисбат медиҳанд, шеъриёти ҳунарӣ ҳаҷвиёт ва ба сабаби ашъори ҳаҷвиёт бисёр ҳаҷвиёнд. Дар адабиёти форс-тоҷик ашъори суфиёнаро ба таъриф ва мадҳ Абулҳасан Сиҳрӣ ривоҷ дод. Сиҳрӣ ва аз ҳамсуҳбатонаш А. с. шеъриҳояш ривоҷ ёфтанро ба тасаввуф аз суруд ҳуҷҷат ҳисобидаанд. Ба ин ҳаҷвиёт ҳаҷвиёт ва ҳаҷвиёт мубаддал гардид, маҷлисҳо ба ҳаҷвиёт ва ҳаҷвиёт суруд ташкил дод. Адибони суфиёнаро ба ҳаҷвиёт ба маҷлисҳо ҳунарӣ дар ҳаҷвиёт ҳуд ба ҳаҷвиёт А. с. шеъриҳояш ривоҷ ёфтанро ба ҳаҷвиёт ҳаҷвиёт ба ҳаҷвиёт ба ҳаҷвиёт ба

шарқшиноси чех Ян Рипка «Таърихи адабиёти форс-тоҷик» (1963) амалӣ шуд. Ҳоло сафи онҳое, ки ин концепцияро эътироф кардаанд, махсусан дар байни олимони равшанфикри Эрон афзуда истодааст.

Ад.: Брагинский И., Сарсухани кит. Намунаҳои адабиёти тоҷик, Сталинобод, 1940; Мирзоев А., Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он, «Шарқи Сурх», 1959, № 4; Брагинский И., 12 миниатюр, М., 1966; ҳамон муаллиф, Сарсухани кит. Ян Рипка (ва диг.), История персидско-таджикской литературы, М., 1970.

А. Сатторов.

АДАБИЁТШИНОСӢ, илмест, ки хусусиятҳои адабиёти бадеӣ, қонуниятҳои процесси таърихии адабӣ ва асосҳои иҷтимоию ҳаётии онро меомӯзад. А. аз се қисми асосӣ иборат аст: назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, танқиди адабӣ. Назарияи адабиёт моҳияти адабиёти бадеӣ ва қонунҳои тараққии он, унсурҳои асосии эҷоди адабӣ: сохту таркиби асари бадеӣ, забон, воситаҳои тасвиру ифода ва ғ.-ро меомӯзад, ҷиҳатҳои хоси ҷинсҳо, навъҳо ва жанрҳои адабӣ, методҳо, ҷараён ва равияҳои бадеиро муайян мекунад. Таърихи адабиёт, пайдоиш ва сайри таърихии адабиёти ҷаҳон ва халқҳои алоҳида, роҳи эҷодии намояндагони ҷудогонаи адабиётро ҳамбаста бо процессҳои иҷтимоии таърихӣ омӯхта, ҷиҳатҳои хоси давраҳои алоҳидаи тараққиёти адабиро таъин менамояд. Танқиди адабӣ ҳодисаҳои адабиёти ҳозира, эҷодиёти нависандагони имрӯза ва асарҳои алоҳидаи онҳоро таҳлил мекунад, решаҳои таърихии процесси ҷории адабӣ ва инкишофи минбаъдаи онро муайян карда, аҳамияти ҳодисаҳои адабии кунуниро дар ҳаёти ҷамъият ва муборизаи иҷтимоӣ зоҳир менамояд.

А. боз чанд илми диг., аз ҷумла матншиносӣ, услубшиносӣ, китобшиносӣ ва ғ.-ро дар бар мегирад. Инҳо илмҳои ёвар буда, барои иҷрои вазифаҳои асосии А. ёрмандӣ мекунанд.

Афкори адабиётшиносӣ аз давраҳои аввали пайдоиши адабиёти бадеӣ сар шуда ва такомул ёфта, бои-си ташаккули илми А. шудааст. На фақат тараққии адабиёт, балки афкори эстетикии нависандагон низ барои инкишофи илми А. аҳамият дорад. Рӯдакӣ (а. 10) на фақат ба муносибати шаклу мазмуни шеър махсусан аҳамият дода ва то андозае алоқаи диалектикии онро пай бурда, аз шеър «лафзи хубу маъниии осон» талаб кардааст, балки роли иҷтимоӣ ва аҳамияти тарбиявии эҷоди бадеиро низ таъкид намудааст:

Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас ки ба кирдори сангу сандон буд.

Таъкиди вазифаи ҷамъиятӣ ва роли иҷтимоии адабиёт дар назариёти аксари намояндагони барҷастаи адабиёти форс-тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад. Онҳо адабиётро як василаи дарки асрори олам ва худшиносии инсон, тарбияи одамизод ва софкории ахлоқи ӯ шумурда, панду ҳикмат ва ифодаи фалсафаи зиндагиро аз муҳимтарин вазифаҳои адабиёт ҳисоб мекарданд. Роли тарбиявии сухани бадеӣ, масъалаи аҳамияти адабиёт дар ҳаёти ҷамъият аз ҷумла дар ақидаҳои эстетикии Саъдӣ (а. 13) мавқеи бузург пайдо кард. Дархости Саъдӣ аз ҳар як фарди ҷамъият, инчунин аз адиб ва фаъолияти адабӣ ин буд:

Ту, к-андар ғами дигарон бегамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

Алоқамандона ба манфиати инсон ва ҷамъият аз назар гузаронидани вазифаҳои эҷоди бадеӣ дар ақидаҳои адабии Носири Хисрав (а. 11), Ҳофиз (а. 14), Ҷомӣ (а. 15), Сайидо (а. 17), Дониш (а. 19) ва дигарон низ аз муҳимтарин нуктаҳост. Буньёди гуманистии ақидаҳои адабӣ ва эҷодиёти бадеии ин классикон барои муайян шудани ҷиҳатҳои хоси илми А. роли муҳим бозидааст. Масъалаи муносибати шаклу мазмун, мувофиқи таҳозои мазмун муайян кардани вазифаи воситаҳои шаклӣ буньёди таълимоти адабиётшиносони намоёни форс-тоҷикро фароҳам овардааст.

Таърифи шеър нахустин бор дар таърихи илми форс-тоҷик дар китоби Ибни Сино (а. 11) «Шифо» (қисми мантиқ) омадааст. Ибни Сино дар ин қисми «Шифо» асосан «Поэтика»-и Арастуро (384—322 то м.) шарҳ дода, ба ин муносибат назариёти худро низ баён карда буд. Ибни Сино ҳам мисли Арасту шеърро таҳлили ҳодисаҳои зиндагии воқеӣ («намоиш ва муҳокот») донистааст, ба олами моддӣ мувофиқат доштани ҳақиқати бадеиро зарур ҳисобида, роли тахайюл ва бофтаи бадеиро дар шеър эътироф намудааст. Ин аст, ки дар назариёти Ибни Сино масъалаи вазифаи иҷтимоии адабиёт ба мавқеи аввал гузаштааст. Дигар таърифи шеър дар китоби *Шамси Қайси Розӣ* (а. 13) «Ал-мӯъҷам фӣ маоиир-ил ашъор-ил-Аҷам» ба назар мерасад. Вай шеърро «сухани мураттабмаъно, мавзун, мутакаррар, мутасовии ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда» номидааст. Дар ин таъриф асосан шакли шеър (вазну қофияи он) ба назар гирифта шудааст ва аз ин сабаб ноқис аст. Бо вуҷуди ин дар ақидаҳои Шамси Қайси Розӣ масъалаи мазмун ва мутобиқати мазмуну шакл ҷойгоҳи босазо дорад. Чунончи, ӯ гуфтааст: ки дар назм ва наср «маъниии беиборат тароват надорад ва иборати бемаъно ба ҳеҷ наояд». Нуқсони таърифи Шамси Қайс дар асарҳои Насируддини Тӯсӣ (а. 13) ислоҳ шуд. Насируддин ҳам дар «Асосул-иқтибос» «Поэтика»-и Арастуро шарҳ кардааст, ақидаҳои ӯ ба назариёти Арасту ва Ибни Сино наздик аст. Вай шеърро на фақат «каломи маъновӣ», «каломи муқаффо ва мавзун», балки «каломи мухайял» низ номида, ба тахайюли шоирона аҳамияти бештаре додааст. Аксари адабиётшиносони баъдина аҳамияти тахайюлро таъкид накардаанд, аммо мазмунро дар ҷои аввал гузоштаанд. Чунончи Сайфии Бухорӣ (а. 15) дар «Рисолаи арӯз» гуфтааст: «Шеър дар луғат донистан ва дарьёфтан аст. Ва шеър дар истилоҳ суханест мавзун, ки далолат кунад бар маъно ва қофия дошта бошад ва қоил қасди мавзунии он сухан карда бошад».

А.-и форс-тоҷик дар асрҳои миёна бештар дар асоси тадқиқи шеър инкишоф ёфтааст ва ғолибан назарияи шеър мебошад. Муҳимтарин хусусияти ин тадқиқот аз назари лингвистӣ наздик шудан ба ҳодисаҳои адабиёт аст. Адабиётшиносон хусусиятҳои адабиёти бадеиро бештар аз хусусиятҳои забони он меҷустанд. Дар натиҷа тадриҷан таълимоти мукаммале дар бораи санъатҳои бадеӣ ба миён омад. А.-и классикии форс-тоҷик аз се қисми асосӣ фароҳам омада буд: 1) бадеъ; 2) арӯз; 3) қофия. Аксари масъалаҳои умумии назарӣ, аз ҷумла назарияи жанрҳо ва шаклҳои жанрӣ (қасида, ғазал, рубоӣ ва ғ.) низ дар рисолаҳое, ки ба илми бадеъ, арӯз ва қофия оиданд, муҳокима шудаанд. Дар ташаккули ин илмҳои сегона, хусусан дар давраҳои аввали пайдоиши онҳо таъсири А.-и араб, аз ҷумла таълифоти Мӯъҳаз, Қуддома ва Халил ибни Аҳмад (асосгузори арӯзи араб) пурзӯр буд. Ғайр аз ин, А.-и форс-тоҷик аз муваффақиятҳои А.-и Юнон ва Ҳинд низ баҳра бурдааст.

Якумин асари А.-и форс-тоҷик, ки то замони мо расидааст, китоби Родуёнӣ «Тарҷумон-ул-балоға» (1114) мебошад ва аз илми бадеъ баҳс мекунад. Китоби Рашиди Ватвот (а. 12) «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» низ дар илми бадеъ аст, лекин муаллиф на фақат аз назм, балки инчунин аз наср сухан рондааст. Пайдо шудани китоби ҷомеи Шамси Қайси Розӣ «Ал-мӯъҷам» (1218—33) дар таърихи А.-и форс-тоҷик воқеаи муҳимме буд. «Ал-мӯъҷам» ҳар се илм — бадеъ, арӯз ва қофияро фаро гирифтааст. Муаллиф ба масъалаҳои гуногуни эҷодиёти бадеӣ дахл карда, аз ҷумла нахустин бор аз нақди шеър — танқиди адабӣ муфассалан сухан ронда чанд принципи илмии онро муайян ва баъзе ҷиҳатҳои масъалаи муносибати шоир ва муноққидро равшан намудааст. Аз асарҳое, ки баъд аз ин таълиф ёфтаанд, хусусан рисолаи Насируддини Тӯсӣ «Меъёр-ул-ашъор» (1254), китоби Хисрави Деҳлавӣ «Эҷозӣ хисравӣ» (ки якумин бор аз қонуниятҳои насри бадеӣ баҳс кардааст, 1319), асари Атоуллоҳи Ҳусайнӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ» (1492), китобҳои сегонаи Ҷомӣ (а. 15) — «Ри-

солаи кофия», «Рисолаи арӯз» ва «Рисолаи муаммо», асари Сиддиқии Ҳусайнӣ «Маҷмаъ-ус-саноеъ» (а. 17) ва мисли инҳо дар тараққиёти А.-и форс-тоҷик арзиши муайян доранд. Баъзе муаллифон ба адабиёт аз назари воҳирнависандӣ низ нигоҳ кардаанд. Дар муборизаи ҳидди шаклпарастӣ асарҳои Ибни Сино, Шамси Қайс, Насируддини Тӯсӣ, Ҳусайни Воиз («Ҳадиқаи-ул-афкор»-и ӯ, а. 15), Атоуллоҳи Ҳусайнӣ ва мисли инҳо бештар хизмат кардаанд.

Баъзе адибон дар асарҳои бадеӣ ва фалсафию дидактикӣ дар бораи адабиёт *бобе* алоҳида нушода, дар масъалаи муносибати адабиёт ба ҳаёт ақида изҳор кардаанд. Аз ҷумла дар «ҚобӯсномаА»-и Кайковус, «Чаҳор мақолаА»-и Низомии Арӯзӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ назариёти гуногуни ҷолиб баён шудаанд. Дар инҳо ва А.-и форс-тоҷик роли фарҳангро, хусусан «*Ҳафт қирроат*», «*Ҳиссиёти ҳаруф*» ва г., ки аз адабиёт ва илмҳои замонаи адаби ахборот додаанд, низ қайд аст.

Дар мамлакатҳои Ғарб А. асосан аз Юнони Қадим, аз «Поэтика» ва «Риторика»-и Арасту ва таълимоти Афлотун (427—347 то м.) сар шудааст. Арасту адабиётро ҳодисаи медонист, ки ба мардум на фақат дониш, балки завқе ҳам медиҳад ва дилу рӯҳро ҷиҳо мекунад. Арасту ва пайравонаш ӯ аз роли иҷтимоии адабиёт, аз шаклу сабкҳои шеърӣ, аз ҷиҳат, ҳаҷв ва жанрҳои адаби сухан рондаанд. Афлотун саромади ҷараёни идеалистӣ дар эстетика буда, ва нафаҳм маъриф ва ҳиссиёти адабиётро рад мекард ва фақат ба аҳамияти тарбиявии он нигаҳ буд. Таълимоти Арастуро дар Рими Қадим Горатсий (65—8 то м.) ба рисолаи маншуми «Фанни шеъро» ҷамъ дод. Дар асрҳои миёна А. бештар дар Шарқ — Эрон, Ҳиндустон мамлакатҳои араб ва Эрон (Ҳиндӣ Миёна тараққиёфт. Нависандагон ва адабиётшиносони Шарқ ҳиндаташонро ба муносибати шаклу мазмун, ба омӯзиши шаклҳои бадеӣ ва хусусиятҳои сабку услуб мутаваҷҷиҳ намудаанд. Дар Ғарбҳои Ғарб асрҳои миёна давраи ҳукмронии мутлақи дини буд ва ин ҳолат ба тараққии илм аз ҷумла афкори А. таъсир дод. Дар замони Эҳёи Ғарб ба ҳидди сколастикаи асрҳои миёна мубориза шадид ҷараён кард ва А. ба ҳаёти воқеӣ ва табиӣ ҳаёт равона намуд. Дар аввали а. 17 — *Бекон* назариёти ҳиссиёти таҷрибиро адабиётро ба ҳаёт ҳуруҷ ва ба ҳаёти илмӣ мутаваҷҷиҳ кард. Дар а. 18 — давраи маорифпарварӣ Ғарбро дар А. принсипҳои реализм ташаккул ёфт ва аз ин ҷиҳат хусусан асарҳои *Дефо* ва *Лессинг* (аллегория 1766) аҳамияти калон доранд. Маорифпарварон масъалаи шахсиятро ва ҷаҳонбинии гуногунро, роли адабиётро дар ташаккули шахс таъкид кардаанд ва ифодаи фардиятро шахсро дар адабиёт зарур донистаанд. Дар а. 19 *Гегель* дар «Лекцияҳои эстетика» (1817—29) тараққии санъатро аз Шарқи Қадим (ки онро ватани шакли рамзии санъат донистааст) то замони худ аз назар гузаронид ва ин схемаи таъриҳии ӯ моҳиятан идеалистӣ бошад ҳам, онро рӯҳи таъриҳиёт ва диалектика фаро гирифтаааст. Гегель дар асарҳояш ба фардиятӣ санъаткор, ба ифодаи характер, ба сабку услуб ва г. аҳамияти калон дод, назарияи романро кор кард ва романро эпоси ҳозира донист, ки тасвири ҳаёти хусусии шахс ва саҳни вусъатноки иҷтимоиро ба ҳам як мекунад. Дар а. 19 ҳиссиёти назарияи реализми танқиди мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла *Стендаль* адабиётро ойинаи зиндагӣ шумурд ва талаб намуд, ки адабиёт бояд қонуниятҳои олами воқеиро намоён кунад ва на фақат дунёи берунирро тасвир намояд, балки ба асрори психологияи шахс ҳам сар фурӯ барад. *Бальзак* хусусиятҳои методи эҷодии адабиёти маорифпарварӣ, романтизм ва реализмро аз ҷиҳат муайян карда, дар масъалаи характер ва алоқаи он бо муҳит мулоҳиза ронд ва мафҳуми «синсоли иҷтимоӣ»-ро дар илм ҷорӣ кард.

Дар а. 19 адибони рус дар тараққии афкори эстетикӣ роли калон бозиданд. *Белинский*, *Герцен*, *Чернышевский* таъриҳи адабиёти русро ҳамбаста бо таъриҳи муборизаи озодихоҳӣ аз назар гузаронидаанд. Онҳо масъалаи муносибати ҳақиқати ҳаёт ва ҷаҳонбинии санъаткорро ба миён гузошта, роли адабиётро дар дигаргӯниҳои иҷтимоии зиндагӣ мӯҳкима кардаанд, масъалаи халқиятӣ адабиётро низ аз ҳамин назаргоҳ ҳал намудаанд. Белинский хусусиятҳои реализми русро дар давраҳои аввали ташаккули он муайян кард. Демократҳои революционӣ *Добролюбов* ва Чернышевский ин кори ӯро давом дода, бисёр хусусиятҳои асосии эҷодиёти нависандагони бузурги русро зоҳир намудаанд.

Аз ниммаи а. 19 ба баста ба пайдоиши марксизм давраи нави сайри таъриҳии А. сар шуд. Маркс ва Энгельс қонуниҳои илмии тараққии ҷамъиятро кашф намуда, робитаи мураккаби байни базис ва иҳтисодиёт ва ҷамъиятро ва барҳояти он (аз ҷумла адабиёт) ро муайян кардаанд. Ин кашфиёти онҳо ба ҳаёти дуруст дарк кардани қонуниятҳои тараққиёти санъат, ба ҳаёти таъриҳи адабиёт ва ба ҳаёти тараққии адаби аҳамияти калон доштаанд ва доранд. Таълимоти Маркс ва Энгельс масъалаҳои асосии назарияи реализмро равшан кард. Принсипи асосии санъати реалистӣ аз назари Энгельс, ғайр аз ҳаҷмиятӣ ҳуҷҷат, дар ваҳдатҳои типӣ тасвир шудани характерҳо типӣ мебошад. Ин таъриф классикӣ на фақат барои фаҳмидани реализми а. 19 аҳамияти кулли дорад, балки умуман моҳияти асосии реализмро ифода мекунад. Маркс ва Энгельс ба аҳамияти ҷаҳонбинии санъаткор, ғоянокӣ, халқиятӣ, синфиятӣ адабиёт ва ғаразнокии он аҳамияти калон доданд. Фикрҳое, ки онҳо дойр ба давраҳои гуногуни тараққиёти адабиёт (давраи антиқа, асрҳои миёна, Эҳёӣ, Маорифпарварӣ ва г.), хусусан дар бораи эҷодиёти нависандагони а. 19— Гёте, Бальзак, Лассаль ва дигарон баён кардаанд, методологияи марксистии А.-ро ғанитар кард. Ленин дар мақолаи «Ташкилоти партиявӣ ва адабиёти партиявӣ» (1905) принсипи коммунистии партиявиятӣ адабиёт ва санъатро пеш гузошт. Вай партиявиятро бо ҳаман диг. масъалаҳои асосии назарияи адабиёт вобаста карда, масъалаи идеали эстетикӣ, озодиёти санъаткор, халқиятӣ адабиёт, анъанаву навоварӣ ва г.-ро аз ҳамин дидгоҳ ҳал намуд. Таълимоти Ленин дар бораи партиявиятӣ санъат барои муайян шудани принсипҳои асосии ғоявию бадеии реализми социалистӣ ва А.-и советӣ роли муҳим бозид. Барои муайян шудани асосҳои методологии А.-и советӣ мақолаҳое, ки Ленин дар бораи Л. Толстой навишта буд, аҳамияти махсус доштанд. Ленин дар ин асарҳояш масъалаи ягонагии мураккаби мабдаъҳои объективию субъективии эҷодиёти нависандаро равшан карда, нишон дод, ки асарҳои Л. Толстой, бо вуҷуди зиддиятҳои чиддии ҷаҳонбинии ӯ, «ойинаи революцияи рус» мебошанд. Гуфтаҳои Ленин дар бораи «ду маданият дар ҳар маданияти миллӣ» хусусан дар ташаккули А.-и советии тоҷик роли калон бозида, яке аз рукнҳои методологии онро ташкил дод ва барои фаҳмидани мураккабтарин масъалаҳои таъриҳи чандинасраи адабиёти классикии тоҷик имконият фароҳам овард. Аэбаски адабиёти тоҷик пас аз революция ба роҳи нав — роҳи реалистӣ даромад, барои ташаккулу тараққии он хусусан муборизае, ки Ленин дар солҳои аввали инқилоб ба муқобили Пролеткулт мебурд, аҳамияти алоҳида касб кард. Таълимоти Ленин дар бораи алоқаи адабиёти пролетарӣ бо маданияти гузашта барои муайян шудани хусусиятҳои хоси реализми социалистӣ дар адабиёти тоҷик ниҳ аз омилҳои муҳим гардид ва буниёди методологии А.-и марксистии тоҷикро дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои тараққии адабиёти ҳозира, пеш аз ҳама масъалаи анъанаву навоварӣ ташкил кард.

А.-и советии тоҷик як ҷузъи умуми А.-и *совиетиҳои* советӣ мебошад. Ташаккули он бо номи С. Айнӣ вобастагӣ дорад. Айнӣ бо «*Намунаи адабиёти тоҷик*» (1926), ба асарҳое, ки дар бораи Фирдавсӣ (1934), Рӯдакӣ (1940), Ибни Сино (1939), Саҳдӣ

(1940), Навоӣ (1948), Бедил (1954) ва дигарон навиштааст, принципҳои асосии омӯзиши таърихии адабиётро муайян кард. Ӯ дар таърихи илми тоҷик якумин касе буд, ки эҷодиёти классикон ва процесси адабии таърихиро алоқамандона бо вазъи иҷтимоию сиёсии замон омӯхт, ба асоси ҳаётии эҷоди бадеӣ ва халқияти он, ба масъалаҳои услуб ва методи эҷодии нависандагон, пайдоиш ва инкишофи баъзе жанрҳову шаклҳои бадеӣ диққат дод. А.-и советии тоҷик дар оташи муборизаҳои сахти идеологӣ обу тоб ёфта, аз аввали пайдоишаш дар ҳалли умдатарин масъалаҳои сиёсию иҷтимоии ҷамъият фаъолона иштирок кардааст. Дар с-ҳои 30 ва 40 яке аз муҳимтарин вазифаҳои А. исбот кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси маданию адабии ӯ буд. Ин масъала низ асосан бо фаъолияти илмию ҷамъиятии Айнӣ ҳал шуда, нисбат ба адабиёти то а. 15 истилоҳи *«адабиёти форс-тоҷик»* қабул гардид. Дар ин роҳ маҷмӯаи коллективии *«Намунаҳои адабиёти тоҷик»* (1940) ва сарсухани он, ки ба қалами И. С. *Брагинский* тааллуқ дошта, бо маслиҳати Айнӣ навишта шуда буд, роли калон бозид.

Адабиётшиносони мо А. Мирзоев, А. Болдырев, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода ва дигарон аввал диққаташонро ба адабиёти баъди а. 15, ки омӯхта нашуда буд, ҷалб карда, сарчашмаҳои адабӣ, давраҳои алоҳида ва эҷодиёти Восифӣ, Биной, Сайидо, Дониш, Шоҳин, Туғрал ва ғ.-ро тадқиқ намуданд. Дар айни замон омӯзиши умумии таърихи адабиёти форс-тоҷик ва муҳимтарин масъалаҳои он натиҷаи ҷиддӣ дод ва асарҳои ҷомеи Е. Э. Бертельс «Таърихи адабиёти форс-тоҷик» (то а. 12), И. С. Брагинский «Аз таърихи назми халқии тоҷик» ва ғ. ба майдон омад. Аз с-ҳои 50, хусусан дар с-ҳои 60 омӯзиши ҷиддии таърихи назарияи адабиёт — илмҳои сегона ривоҷ ёфт ва дар ин кор аз адабиётшиносони таҷрибакор — Б. Сирус, Т. Зеҳнӣ, аз ҷавонон — А. Сатторов, Х. Шарифов, Р. Мусулмонқулов иштирок карданд. Ҳоло матншиносӣ низ вусъат гирифта, чопи илмӣ ва оммавии бисьёр асарҳо (аз ҷумла «Шоҳнома») анҷом ёфтааст. Феҳристи дастнависҳои ганҷинаи Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Тоҷ. чоп шуда истодааст. Ба ин тариқ соҳаҳои гуногуни А. ташаккул ёфта, пеш рафта истодааст. Омӯзиши таърихи адабиёти советии тоҷик ҳоло як соҳаи муҳимми А.-ро ташкил мекунад. Ин соҳа ба муборизаи зидди социологизми вульгарӣ (Н. Бектош) ташаккул ёфтааст. Омӯзиши таърихи адабиёти советии тоҷик асосан аз тадқиқи эҷодиёти бадеии Айнӣ — аз асарҳои Р. Ҳошим, И. Брагинский сар шуда буд. Аксари адабиётшиносон ва мунаққидон— Н. Маъсумӣ, С. Табаров, Ш. Ҳусейнзода, М. Шукуров, Ю. Бобоев, Л. Демидчик, А. Сайфуллоев, А. Маниёзов ва дигарон дар айнишиносӣ иштирок карда, роҳи эҷодии ин нависанда, аҳамияти ғоявию бадеии асарҳои вай, мавқеи ӯро дар тараққиёти маънавии халқ санҷида истодаанд. То ҳол чор ҷилди «Ҷашнномаи Айнӣ» чоп шудааст. Ҳаёт ва эҷодиёти бисьёр нависандагони советии тоҷик, инчунин масъалаҳои алоҳидаи эҷодиёти баъзеи онҳо ба тавр монографӣ тадқиқ шудааст. Давраи аввали омӯзиши таърихи адабиёти советии тоҷик дар китоби коллективии «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (ҷ. 1—2; 1957—58 ба русӣ ҳарду якҷоя — М., 1961) ҷамъбаст гардидааст.

Танқиди адабии тоҷик ба сифати як соҳаи мустақили А. дар замони советӣ ташаккул ёфт. Муҳимтарин хусусияти танқиди адабии тоҷик ин аст, ки бо А. сахт алоқаманд буда, таҳлили илмӣ ва назари таърихӣ бо рӯҳи публицистӣ як шудааст. Қарори таърихии КМ КПСС «Дар бораи танқиди адабии бадеӣ» (1972) барои амиқтар шудани ин сифати танқиди тоҷик, барои мустаҳкам гардидани асоси ғоявию назарии он роли калон бозид. Дар натиҷа дар с-ҳои 70 танқиди адабӣ таҳлили иҷтимоию бадеии худро ҷиддитар карда, дар процесси адабӣ фаъолтар иштирок намуд.

Ад.: Маркс К. и Энгельс Ф., Об искусстве, т. 1—2, М., 1957; Ленин В. И., О литературе и искусстве, М., 1969; Бобоев Ю., Муқаддимаи адабиётшиносӣ, Д., 1974; Тимофеев Л. И., Основы теории литературы, М., 1971; Теория литературы, Основные проблемы в историческом освещении, кн. 1—3, М., 1962—65; Сатторов А., Из истории персидско-таджикской литературно-эстетической мысли (X—XV вв.), Д., 1976.

М. Шукуров.

АДАБЧӮБ ادبچوب чӯбдасти домуллои мактаби кӯҳна барои танбеҳи бачагони мактабхон. Дар системаи таълими мактаби кӯҳна ҷазои ҷисмонии бачагон ҷой дошт. Падару модарон, ки босавод шудани фарзандонашонро мехостанд, ҳамаи шартҳои вазнини мактабро қабул мекарданд. Домулло ҳангоми машғулият навдаи тақрибан 3—4 метраи ғафсиаш 1,5—2 см-ро нигоҳ медошт, ки бо он шогирдони гунаҳкорро мезад. Баъзан асои домулло низ вазифаи А.-ро адо мекард.

Ад.: Айнӣ С., Куллиёт, ч. 5, Д., 1963.

АДАД (ар. عدد — шумор, шумора, ҳисоб), маҫҳуми асосии математикист, ки аз қадимулайём тадриҷан инкишоф ёфтааст. Маҫҳуми ададҳои бутуни мусбат, яъне ададҳои натуралӣ дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ аз зарурати ҳисоби ашьё ба вуҷуд омадааст. Дарки беинтиҳоии қатори ададҳои натуралӣ дар инкишофи маҫҳуми ададҳои натуралӣ саҳифаи нав кушод. Тасаввуроти равшани беинтиҳоии қатори ададҳо дар асарҳои математикони давраи атиқа *Евклид («Ибтидо»)* ва *Архимед* («Псаммит») акс ёфтаанд. Бо инкишофи маҫҳуми ададҳои натуралӣ амалҳо бо А.-ҳо маъмул шуданд. Қоидаи амалҳо ва ёфтани усулҳои ҳалли масъалаҳо ба миён омаданд. Ин боиси пайдоиши илм дар бораи А.— *арифметика* гардид. Навъҳои гуногуни ададҳои натуралӣ (А.-и ҷуфт, тоқ, содда, мураккаб ва ғ.)-ро фарқ мекардагӣ шуданд. Тадқиқи баъзе қонуниятҳои дар қатори ададҳои натуралӣ ҷойгир шудани ададҳои махсус то ҳол давом дорад ва як соҳаи математика — *назарияи ададҳо* мебошад.

А.-ҳои натуралӣ ғайр аз вазифаи асосӣ — ифодаи миқдори аломатҳо (як, ду, се ва ғ.) вазифаи дигар — тартиби ашьёро дар қатор (якум, дуюм, сеюм ва ғ.) низ ифода мекунанд.

Донишмандони Шарқ—Умари *Хайём* (а-ҳои 11—12), *Насируддини Тӯсӣ* (а. 13) ва *Ҷамшеди Кошонӣ* назарияи ададҳои бутуни мусбатро тартиб ва инкишоф доданд. Дар нимаи дуюми а. 19 математики немис Г. Кантор маҫҳуми ададро натуралиро дар асоси маҫҳуми маҷмӯъ ва математики италиявӣ Ҷ. *Пеано* дар асоси системаи аксиомаҳо асосноқ намуданд. Масъалаи чен кардани бузургиҳо, ки аз муқоисаи онҳо барменояд, маҫҳуми ададҳои касриро ба вуҷуд овард, ки он боиси васеъ шудани маҫҳуми А. гардид. Ҳисоби ададҳои касриро математикони Шарқ дар асрҳои 8—9 ҳам истифода мебурданд, вале дар бораи ин ададҳо тасаввури равшан таҳо дар а. 16 пайдо шуд. Васеъшавии минбаъдаи маҫҳуми А. натиҷаи инкишофи худи математика мебошад. Дар натиҷаи инкишофи *алгебра*, ки усулҳои умумии ҳалли масъалаҳои арифметикиро сарфи назар аз мазмуни конкретӣ ва натиҷаи он меомӯзад, маҫҳуми ададҳои манфӣ ба миён омад. Зарурати ба алгебра дохил намудани ададҳои манфӣ аз худи ҳалли муодилаҳои хаттӣ сар мезанад. Дар Ҳиндустон аз асрҳои 6—11 ададҳои манфиро дар ҳалли масъалаҳои гуногун истифода мебурданд. Баъди корҳои Р. *Декарт* (а. 17) маҫҳуми ададҳои манфӣ пурра такмил ёфт. А.-ҳои бутун, касрӣ (мусбат ва манфӣ) ва нуль ададҳои рационалӣ ном гирифтанд. Маҷмӯи А.-ҳои рационалӣ барои тадқиқи бузургиҳои бефосила тағьирёбанда кифоя набуд. Маҫҳуми ададҳои иррационалӣ, ки аз талаботи саҳеҳ ифода кардани нисбати бузургиҳо (мас., нисбати диагонали квадрат ба тарафаш) ба вуҷуд омад, масъалаи бефосилагии қатори ададҳоро ҳал намуд. Маҷмӯи ададҳои рационалӣ ва иррационалӣ *ададҳои ҳақиқӣ* ном гирифтанд. Дар а. 19 Р. *Дедекинд*, Г. *Кантор* ва К. *Вейерштрасс*

назарияи қатъии ададҳои мазкурро ба вуҷуд оварданд (Ниг. *Буриши Дедекинд*).

Зинаи навбатии инкишофи мафҳуми А. ҷорӣ шудани *ададҳои комплексӣ* мебошад. Инкишофи алгебра сабаби ба вуҷуд омадани А.-ҳои комплексӣ гардид. Аз халли муодилаҳои квадратӣ ва кубӣ зарурати ин ададҳо зоҳир мегардад. Баъд аз корҳои Л. *Эйлер* ва К. *Гаусс* А.-ҳои комплексӣ на танҳо дар алгебра, балки дар *таҳлили математикӣ, назарияи функсияҳои тағьирьёбандаи комплексӣ* аҳамияти калон пайдо кард.

Минбаъд мафҳуми А. дар соҳаҳои гуногуни математика таъмим гардид. Дар алгебра системаи объектҳое, ки хосияти онҳо то як андоза ба хосияти маҷмӯи ададҳои бутун ё рационалӣ монанд аст (мас., *гурӯҳ, ҳалқа, майдон*), омӯхта мешаванд. Ниг. низ *Ададҳои гиперкомплексӣ* ва *Кватернионҳо*.

Ад.: Просвуряков И. Н., Числа и многочлены, М., 1969.

Б. А. Эльматанов, А. Курбонов.

АДАДИ АВОГАДРО, адади молекулаҳо дар як моль модда (аз номи физики италиянӣ А. *Авогадро*). Ишораш N_A. А. А. яке аз муҳимтарин *собитаҳои* универсалии физика буда, барои муайян намудани аксар собитаҳои физикӣ *(Собитаи Больцман, Адади Фарадей* ва г.) асос гардидааст. Усулҳои гуногуни муайян кардани А. А. маҷҳуданд. Қимати маъмули А. А., ки аз рӯи шкалаи карбонӣ массаҳои атомӣ муайян кардаанд, чунин аст:

$N_A = (6{,}02252 \pm 0{,}00028) \cdot 10^{23}$ моль$^{-1}$.

АДАДИ АЛГЕБРАВӢ, решаи муодилаи алгебравие, ки коэффисиентҳо бутун доранд. Мас., $\frac{7}{4}$, i, $\sqrt{11}$ — А.-ҳои алгебраванд, зеро мувофиқан решаҳои муодилаҳои алгебравии $4x - 7 = 0$, $x^2 + 1 = 0$, $x^2 - 11 = 0$ мебошанд. Маҷмӯи ададҳои алгебравӣ маҷмӯи ҳисобӣ аст (ниг. *Назарияи маҷмӯъҳо*). Ададҳои алгебравии майдонро ташкил меҳуданд. Ададҳои ғайриалгебравиро ададҳои трансцендентӣ меноманд. Ниг. низ *Адади трансцендентӣ*.

АДАДИ БАРҲАКС, ададе ст, ки ҳосили зарби он бо адади додашуда ба ҳосили зарби ба баробар аст. Чунин ададҳоро мутақобилан баргардонда меноманд. Мас., 5, $\frac{1}{5}$; $-\frac{3}{7}$, $-\frac{7}{3}$. Барои адади дилхоҳи $a (a \neq 0)$ А. б.-и он $\frac{1}{a}$ вуҷуд дорад.

АДАДИ ВОЛЬФ, ададе ст, ки ба миқдоре ки дар вақти муайян шамсаи сатҳи Офтоб тақрибан мутаносиб аст. Аз рӯи формулаи $w = 10g + f$ муайян карда мешавад, ки дар он g — миқдори гурӯҳҳои доҳо ва f — миқдори доғҳои ҷудогона. Астрономи швейцарӣ Р. Вольф дар а. 19 ба астрономияи амалӣ ҷорӣ кардааст. А. В.-ро аксар вақт барои муқоисаи хурӯҷи Офтоб, ионизацияи қабатҳои болоии атмосфера, мушоҳидаи тағьири ёфтани майдони геомагнитӣ, фаҷри қутбӣ ва г. истифода мебаранд.

АДАДИ ДАРАҶАҲОИ ОЗОДӢ (дар механика), ҳаракатҳои имконпазири байнан новобастаи системаҳои механикӣ. А. д. о. бо адади координатаҳои новобаста, ки ҳаракати системаро пурра ифода мекунад, муайян карда мешавад. Он аз адад ва навъи пайвастҳое, ки дар система мавҷуданд, вобаста аст. А. д. о. барои системае, ки аз n нуқтаҳои материалӣ иборат буда ва k пайвастҳои геометрӣ дорад, бо формулаи $S = 3n - k$ муайян карда мешавад. Нуқтаи материалие, ки аз рӯи хати рост ҳаракат мекунад, як дараҷаи озодӣ, нуқтаи материалие, ки дар сатҳи ҳамвор ҳаракат мекунад, ду дараҷаи озодӣ дорад. Нуқтаи материалие, ки озод аст, ҳаракати он дар се тири координата ба амал меояд ва вазъияташ ҳангоми ҳаракати пешравӣ бо ин координатаҳо муайян карда мешавад. Яъне нуқтаи мазкур се дараҷаи озодӣ дорад. Системае, ки аз ду саққои ба ҳам мазбут пайвастшуда иборат аст (гантель), се ҳаракати пешравӣ (дар се тири координата) ва ду ҳаракати чарҳзанӣ дорад, чунин система панҷ дараҷаи озодиро дорост. Системае, ки аз се саққои мазбут пайвастшуда иборат аст, се ҳаракати пешравӣ ва се ҳаракати чарҳзанӣ дорад, пас вай шаш дараҷаи озодиро соҳиб аст. Ҷисми мутлақ сахти дар атрофи меҳвари беҳаракат чарҳзананда як дараҷаи озодӣ ва ҷисми сахти озод шаш дараҷаи озодиро доро аст.

Дар назарияи кинетикии газҳои идеалӣ барои ҳисоб кардани А. д. о.-и молекулаҳо молекулаи якатомаро чун нуқтаи материалӣ, молекулаи дуатомаро чун гантель, молекулаи сеатомаро чун системаи механикии сесаққои мепиндоранд. Азбаски энергияи кинетикии миёнаи газ ба дараҷаҳои озодӣ баробар тақсим мешавад, пас А. д. о.-ро ба назар гирифта *энергияи дохилӣ* ва гармигунҷоиши газро муайян мекунанд.

Х. Содиқов.

АДАДИ МУКАММАЛ, адади бутуни мусбат, ки ба ҷамъи тақсимкунандаҳои хоси худ (тақсимкунандаҳое, ки аз худи адад хурданд) баробар аст. Мас., ададҳои $6 = 1 + 2 + 3$ ва $28 = 1 + 2 + 4 + 7 + 14$ ададҳои мукаммаланд. Математики Юнони Қадим *Евклид* (а. 3 то м.) аз рӯи формулаи $2^{p-1}(2^p - 1)$ (ҳангоми ададҳои содда будани p ва $2^p - 1$) ёфтани А. м.-и ҷуфтро нишон дода буд. Ҳоло аз рӯи ин формула бо ёрии ҳисобгирҳои электронӣ 23-то адади мукаммалро ёфтаанд. Ададҳои мукаммалро то ҳол маълум нестанд.

АДАДИ НАШР, дар матбаа ва нашриёт миқдори умумии нусхаҳои ҳар дафъаи нашри матн, асар, сурат ва г.

АДАДИ НЕПЕР, адади e, ҳудуде, ки ба он ифодаи $\left(1 + \frac{1}{n}\right)^n$ ҳангоми беинтиҳо афзудани қимати n майл мекунад, яъне $e = \lim\limits_{n \to \infty} \left(1 + \frac{1}{n}\right)^n = 2{,}718281828459045\ldots$. e — асоси логарифми натуралӣ ва адади трансцендентӣ мебошад. Трансцендентӣ будани e-ро бори аввал математики франсавӣ Ш. Эрмит (1873) исбот кард. Дар илм бо номи математики шотланд Ҷ. Непер маъмул аст.

АДАДИ НОМДОР, ададе, ки бо номи ягон воҳиди ченкунӣ муштарак меояд (мас., 5 м, 7 кг ва г.); ба адади муҷаррад мукобил гузошта мешавад (мас., 5; 7). Агар А. н. як воҳиди ченкунӣ дошта бошад, А. н.-и содда ва агар якчанд воҳиди ченкунӣ дошта бошад, А. н.-и таркибӣ меноманд. Мас., А. н.-и 3 м 67 см таркибӣ аст, ки ба А. н.-и соддаи 367 см баробар мебошад.

АДАДИ РЕЙНОЛЬДС, бузургии беандоза буда, хусусияти ҷоришавии моеъ (газ)-ро муқаррар мекунад; яке аз критериясҳои асосии шабоҳати ҷоришавии моеот мебошад. Ба шарафи олими англис О. Рейнольдс (1842—1912) номида шудааст. Формулаи А. Р. чунин намуд дорад: $Re = \rho v l / \mu$ дар ин ҷо ρ — зичии моеъ, μ — коэффициенти динамикии ғилзати моеъ, v — суръати миёнаи ҷараён, l — андозаи хаттии ба маҷроъ хос (мас., ҳангоми дар ғулбаи силиндрӣ ҷорӣ шудани моеъ — диаметри ғулба). Мувофиқи формулаи А. Р. нисбати қувваи инерсионии воҳиди ҳаҷми моеъро бар қувваҳои ғилзатӣ, ки дар ҳудудҳои ин ҳаҷм гузошта шудаанд, ифода мекунад.

Ҳар як режими ҷоришавии моеъ ба ҳуд хос А. Р. дорад. Қимати А. Р., ки дар он ҷараёни ламинарӣ ба турбулентӣ бадал мешавад, адади критикии Рейнольдс ном дорад. Ҳангоми $R_e > R_{e_{кр}}$ ҷараён турбулентӣ ва ҳангоми $R_e < R_{e_{кр}}$ ҷараён ламинарӣ ҳаракат мекунад. Қимати критикии А. Р. барои ғулбаҳои силиндрӣ ба 2320, барои каналҳои кушод ба 900 баробар аст. А. Р. ҳар қадар хурд бошад, қувваҳои ғилзатӣ ҳангоми ҳаракати моеъ ҳамон қадар роли муҳим мебозанд.

А. Р. ҳангоми моделонидани ҳодисаҳои гидроаэродинамикӣ аҳамияти калон дорад.

М. Иброҳимов.

АДАДИ ТАҲВИЛ, нисбати суръати узви барандаи механизм ба суръати узви пайравӣ он. Ҳангоми чарҳзании навардҳо ифодаи А. т.

$$i = \frac{\omega_1}{\omega_2} = \frac{n_1}{n_2}$$

мешавад, ки дар он ω_1 ва n_1—суръати кунҷӣ ва адади гардиши наварди баранда, ω_2 ва n_2 — суръати кунҷӣ ва адади гардиши наварди пайрав мебошад. А. т.-ро бо андозаҳои геометрии механизм, ки схемаи онро тавсиф медиҳанд, низ ифода кардан мумкин аст. Мас., барои таҳвили фрикционӣ ё тасмагии цилиндрӣ А. т. чунин аст: $i = \frac{D_2}{D_1}$, дар он D_2— диаметри шкиви пайрав ва D_1 — диаметри шкиви дарунӣ; барои таҳвили чарҳҳои дандонадор $i = \frac{z_2}{z_1}$ буда, z_2 — адади дандонаҳои чархи пайрав, z_1 — адади дандонаҳои чархи баранда мебошад.

АДАДИ ТРАНСЦЕНДЕНТӢ, ададе, ки барои ҳеҷ як бисьёрузваи коэффициентҳояш бутун реша шуда наметавонад. Ба ибораи дигар А. т. адади ғайриалгебравӣ мебошад. Мас., e ва π — ададҳои трансцендентианд. Г. *Кантор* мавҷудияти а.-ҳои т.-ро чунин шарҳ дода аст. Маҷмӯи бисьёрузваҳои коэффициентҳояш бутун маҷмӯи ҳисобӣ мебошад (ниг. *Маҷмӯи ҳисобӣ*) ва шумораи решаҳои ҳар як бисьёрузваи дилхоҳ охирнок аст. Бинобар ин, маҷмӯи ададҳои алгебравӣ низ ҳисобӣ аст. Азбаски маҷмӯи ададҳои ҳақиқӣ иқтидори *континуум* дорад, пас А.-ҳои т. мавҷуданд. Иқтидори маҷмӯи А. т.— континуум. Ҳар А. т. иррационалӣ мебошад, лекин на ҳамаи а.-ҳои иррационалӣ трансцендентианд. Мавҷудияти А. т.-ро бори аввал Ж. Лиувилль (1844) муқаррар кардааст.

АДАДИ ФАРАДЕЙ (собитаи Фарадей), миқдори электр, ки ҳангоми аз электролит гузаштани он дар электродҳо 1 моль модда ҷудо мешавад (ниг. *Электролиз, Қонунҳои Фарадей*). А. Ф. ба шарафи олими англис М. *Фарадей* номида шудааст. А. Ф. (F) ба ҳосили зарби бузургии заряди иони яквалента (e) бар *адади Авогадро* (N_A) баробар аст, яъне:

$$F = N_A \cdot e = 96487 \text{ Кл/моль}.$$

АДАДҲОИ БАЙНАН СОДДА, якчанд ададҳои бутун, ки тақсимкунандаи умумии онҳо танҳо $+1$ ё -1 аст. Агар ҳар кадоми ин ададҳо бо дигараш байнан содда бошад, онҳоро ҷуфт-ҷуфт содда меноманд. Мас., ададҳои 6, 10 ва 15 байнан соддааанду вале ҷуфт-ҷуфт содда нестанд, ададҳои 5, 7 ва 16 ҷуфт-ҷуфт соддаанд. Хурдтарин тақсимкунандаи каратии ададҳои ҷуфт-ҷуфт содда ба ҳосили зарби худи онҳо баробар аст.

АДАДҲОИ БУТӮН, ададҳои намуди $\pm n$ (n — адади натуралӣ ё нуль) мебошанд. Мафҳуми ададҳои натуралӣ дар натиҷаи ҳисоби ашёё ба вуҷуд омадааст. А. б.-и мусбат миқдор ва тартиби ашёёро дар қатор муайян мекунанд. Маҷмӯи А. б. ҳалқаро ташкил медиҳад.

АДАДҲОИ ГИПЕРКОМПЛЕКСӢ, таъмими мафҳуми ададҳост, мафҳуми А. г. аз мафҳуми *ададҳои комплексӣ* васеътар аст. Барои А. г. одатан чор амали арифметикӣ муайян карда мешавад (тақсим на барои ҳамаи А. г. ҷой дорад). Ададҳои ҳақиқӣ, ададҳои комплексӣ ва инчунин *кватернионҳо* ҳолати хусусии А. г. мебошанд. Умуман А. г. ба шакли $x_1e_1 + x_2e_2 + \cdots + x_ne_n$ молик аст, ки дар он $x_1, x_2 \cdots, x_n$ — ададҳои комплексӣ ва $e_1, e_2, \cdots, e_n$ — рамзҳое мебошанд, ки барои онҳо ҷадвали зарб муайян карда шудааст, яъне e_ie_j чун комбинатсияи хаттии $e_1, e_2, \cdots, e_n$ маълуманд; $x_1, x_2, \cdots, x_n$ — координатаҳои А. г. номида мешаванд. Ҳангоми ҷамъ ва тарҳи А. г. координатаҳои мувофиқ ҷамъ ва тарҳ ҳоҳанд шуд. Зарби А. г. бояд нисбат ба амали ҷамъ *дистрибутивӣ* бошад. *Ғ. Б. Бобоев.*

АДАДҲОИ ИРРАЦИОНАЛӢ, ададҳое, ки рационалӣ (яъне бутун ё касрӣ) намебошанд. А. и.-и ҳақиқиро бо касри даҳии беохири ғайридаврӣ ифода кардан мумкин аст; мас., $\sqrt{2}=1{,}41\cdots$, $\pi=3{,}14\cdots$. Мавҷудияти нисбати иррационалӣ (мас., иррационалии нисбати диагонали квадрат ба тарафи он) аз замонҳои қадим маълум буд. Аммо назарияи қатъии А. и.-ро дар нимаи дуюми а. 19 математики немис Р. *Дедекинд* (ниг. *Буриши Дедекинд*) ба миён овард. А. и. ба ададҳои алгебравии ғайрирационалӣ ва ададҳои трансцендентӣ ҷудо мешаванд. Ниг. низ *Адад.*

АДАДҲОИ КВАНТӢ, ададҳои бутун (0, 1, 2, ...) ва нимбутун ($^1/_2$, $^3/_2$, $^5/_2$, ...), ки қиматҳои дискретии имконпазири бузургиҳои физикии системаҳои квантӣ — ядрои атом, атом (молекула) ва баъзе *заррачаҳои элементариро* ифода мекунанд. Татбиқи А. к. дар механикаи квантӣ дискретӣ будани процессҳоро, ки дар микроолам ба вуқӯъ меоянд, нишон медиҳад ва бо маҷмӯиятии кванти таъсир ё *собитаи Планк* зич алоқаманд аст. А. к. бори аввал (1913) барои баён кардани қонуниятҳои спектрҳои атомӣ, ки аз таҷриба кашф шудаанд, ба физика дохил карда шуд. Аммо моҳияти А. к. ва дискретии баъзе бузургиҳои ба онҳо вобастаеро, ки динамикаи микрозарраҳоро тавсиф медиҳанд, танҳо механикаи квантӣ ошкор кард. Ниг. *Атом.*

АДАДҲОИ КОМПЛЕКСӢ, ададҳои намуди $x + iy$, ки дар он x ва y — ададҳои ҳақиқӣ ва i — воҳиди мавҳум аст (ададе, ки квадрати он ба -1 баробар мебошад); x — қисми ҳақиқӣ (ишорааш $x=Re z$) ва y — қисми мавҳуми (ишорааш $y = Im z$) адади комплексии $z=x+iy$ номида мешавад.



Ададҳои ҳақиқӣ ҳолати хусусии А. к. аст (ҳангоми $y = 0$); А. к.-ро, ки ҳақиқӣ нестанд ($y \neq 0$), ададҳои мавҳум меноманд. Ҳангоми $x=0$ будан А. к. соф мавҳум номида мешаванд. А. к.-и $z = x + iy$ ва $z' = x - iy$-ро ададҳои пайвастаи комплексӣ меноманд. Амалҳои арифметикӣ бо А. к., дар сурати ба назар гирифтани $i^2 = -1$, аз рӯи он қоидаҳои амалҳои ба бисьёрузваҳо таалуқ дошта иҷро карда мешаванд. А. к. ба хосиятҳои *коммутативӣ, ассоциативӣ ва дистрибутивӣ* моликанд. Аз ҷиҳати геометрӣ адади комплексии $x + iy$ дар ҳамвории системаи координатаҳои росткунҷа нуқтаро ифода мекунад. Агар координатаҳои қутбии ин нуқтаро бо r ва φ ишора кунем, тасвири тригонометрии А. к. чунин мешавад: $r(\cos\varphi + i\sin\varphi)$; $r = +\sqrt{x^2 + y^2} = |z|$-ро — модуль ва $\varphi = arg z$-ро аргументи А. к. меноманд. Шакли тригонометрии А. к. барои дараҷабардорӣ ва решабарорӣ хеле қулай аст:

$$[r(\cos\varphi + i\sin\varphi)]^n = r^n(\cos n\varphi + i\sin n\varphi),$$

$$\sqrt[n]{r(\cos\varphi + i\sin\varphi)} = \sqrt[n]{r}\left[\cos\left(\frac{\varphi}{n} + \frac{2\pi k}{n}\right) + i\sin\left(\frac{\varphi}{n} + \frac{2\pi k}{n}\right)\right],\ k = 0, 1, \ldots, n-1.$$

Аз формулаи $e^{i\varphi} = \cos\varphi + i\sin\varphi$, ки *Эйлер* кашф кардааст (1748), истифода бурда, шакли тригонометрии А. к.-ро чунин навиштан мумкин: $z = r \cdot e^{i\varphi}$. Истилоҳи «А. к.»-ро бори аввал математики немис К. *Гаусс* (1831) пешниҳод кардааст. Мафҳуми А. к. ба тараққиёти минбаъдаи таҳлили математикӣ ва назарияи функцияҳои тағьирёбандаҳояш комплексӣ таъсири бузург расонд. Ниг. низ *Функцияҳои таҳлилӣ.*

Ад.: Маркушевич А. И., Комплексные числа и комфорные отображения, 2 изд., М., 1960. *М. Ширинбеков.*

АДАДҲОИ МАВҲУМ, ададҳои намуди $x + iy$, ки дар он $i = \sqrt{-1}$, x ва y — ададҳои ҳақиқӣ ва $y = 0$; бо ибораи дигар А. м. ададҳои комплексиеанд, ки ҳақиқӣ намебошанд. А. м.-и намуди iy-ро ададҳои соф мавҳум (баъзан фақат худи iy-ро А. м.) меноманд.

АДАДҲОИ МАНФӢ, ададҳои ҳақиқии аз нуль хурд. Мас.,— 1; —2; —0,3; —π ва г. Ниг. низ *Адад.*

АДАДҲОИ МУСБАТ, ададҳои ҳақиқии аз нуль калон. Ниг. низ *Адад.*

АДАДҲОИ МУҚОБИЛ, ду ададе, ки қимати мутлақашон баробар, вале аломатҳояшон гуногунанд. Мас., 13 ва — 13.

АДАДҲОИ ПИФАГОР, ҳар чунин се адади натуралиест, ки секунҷаи тарафҳояш ба ин се адад мутаносиб ё баробар будагӣ росткунҷа мебошад. Барои ин кофист, ки он ададҳо муодилаи $x^2 + y^2 = z^2$-ро қонеъ гардонанд. Мас., ададҳои $x = 3$, $y = 4$, $z = 5$. Ҳар се ададҳои байнан соддаи

Пифагорро бо формулаҳои $x=m^2-n^2$, $y=2mn$, $z=m^2+n^2$ ёфтан мумкин аст, ки дар он m ва n — ададҳои бутун, $m>n>0$ мебошад.

АДАДҲОИ РАЦИОНАЛӢ, ададҳое, ки ба намуди касри $\frac{m}{n}$ (m ва n ададҳои бутун, $n \neq 0$) ифода мешаванд. Ҳар як ададе бутуни m-ро ба намуди $\frac{m}{1}$ овардан мумкин аст, бинобар ин ададҳои бутун ҳам рационалӣ мебошанд. Ададҳои 1; —5; $\frac{2}{3}$; 0,3 А. р.-анд. Дар соҳаи А. р. амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим (ба ададе ғайринулӣ) ҳамеша имконпазиранд, яъне А. р. *майдон*ро ташкил медиҳад. Нег. низ *Адад*.

АДАДҲОИ СОДДА, ададҳои бутуни мусбати аз як калон, ки ғайр аз худашон ва 1 дигар тақсимкунандае надоранд. Мас., 2, 3, 5, 7, 11, 13 ва ғ. Мафҳуми А. с. дар омӯхтани тақсимшавандагии ададҳои натуралӣ (ададҳои бутуни мусбат) роли муҳим мебозад; маҳз теоремаи асосии назарияи тақсимшавандагӣ исбот мекунад, ки ҳар ададе бутуни мусбатро (ғайр аз 1), фақат бо як тарз ба зарбкунандаҳое, ки аз А. с. иборатанд, ҷудо кардан мумкин аст. Шумораи А. с. беинтиҳо зиёд мебошад, ки инро математики Юнони Қадим *Евклид* (а. 3 то м.) исбот карда буд. Ҷойгиршавии А. с. дар қатори ададҳои натуралӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва душвори *назарияи ададҳо* ҳисоб мешавад. Дар ин бобат тадқиқотҳои П. Л. *Чебышев* ҷолиби диққатанд. Калонтарин ададе соддае, ки с. 1965 муқаррар шудааст, $2^{11213}-1$ мебошад. Дар системаи даҳӣ он аз 3376 рақам иборат аст.

Ад.: Виноградов И. М., Основы теории чисел, 8 изд., М., 1972.

Р. Ф. Файзиев.

АДАДҲОИ ҲАҚИҚӢ, ададҳои мусбат, манфӣ ё нуль. А. ҳ. рационалӣ ва иррационалӣ мешаванд. Назарияи мукаммали А. ҳ., ки дар асоси *ададҳои рационалӣ* ададҳои иррационалиро муайян мекунад, фақат дар нимаи дуюми а. 19 ба туфайли тадқиқотҳои К. *Вейерштрасс*, Р. *Дедекинд* ва Г. *Кантор* ба вуҷуд омад. Маҷмӯи ҳамаи А. ҳ.-ро хати рости (меҳвари) ададӣ номида бо R ишора мекунанд. Маҷмӯи мазкур хаттӣ мураттабшуда мебошад ва нисбат ба амалҳои асосии арифметика (ҷамъ ва зарб) *майдон*ро ташкил медиҳад. Назарияи ҳудудҳо, ки асоси таҳлили математикист, ба хосиятҳои хати рости ададӣ такья мекунад. Нег. низ *Адад*.

Т. Собиров.

АДАЖИО (итал. adagio — оҳиста, суст), дар мусиқӣ: 1) Суръати оҳиста, ором; 2) пьесаи мусиқӣ ё яке аз қисмҳои мобайнии симфония, квартет, соната ва ғ. Дар балет қисми оҳистаи рақс, ки бо мусиқии лирикӣ ичро мешавад. Баъзан лаҳзаи мустақили рақс (па-де-дё, па-де-труа, пад, аксьон, граи па) ва қисми дарси балетро, ки барои устувории ҳаракатҳои раққос кӯмак мерасонад, А. меноманд.

АДАЛИС (тахал.; фам. аслиаш Ефрон) Аделина Ефимовна (26. 7. 1900 Петербург — 27. 8. 1969 Москва), шоира ва тарҷумони советии рус. Асарҳояш аз с. 1918 чоп мешаванд. Асарҳои асосиаш: романи «Абҷад, ҳавваз, ҳуттӣ» (1927, ҳамроҳи И. Сергеев), маҷмӯаи очеркҳои «Сафари регзор» (1929), повести «Озарӣ» (1940), китоби шеъру достонҳо: «Ҳокимият» (1934), «Уқьёнуси Шарқ» (1949), «Асри нав» (1960), «Шаҳрҳо» (1962), «Достони шаҳри Омск» (1962), «Арафа» (1966), «Январь ва сентябрь» (1970) ва ғ. мебошанд. Тарҷумаи адабӣ низ дар эҷодиёти А. мавқеи махсусеро ишғол мекунад. Ӯ аз осори классикони форсӣ-тоҷик ашъори Носири Хисрав, Сайидои Насафӣ, Камоли Хуҷандӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷунайдуллои Ҳозикро ба русӣ тарҷума кардааст. Аввалин тарҷумаи русии шеърҳо ва достонҳои Мирзо Турсунзода «Қиссаи Ҳиндустон» (1947), «Арӯс аз Москва» (1957), «Ганҷинаи сурудҳо» (1957) ба қалами А. тааллуқ дорад. А. асарҳои Мирсаид Миршакар «Шеърҳо ва достонҳо» (1949, ҳамроҳи И. Сергеев), достонҳои «Қишлоқи тиллоӣ» (1947) ва «Ленин дар Помир» (1955)-ро тарҷума кардааст.

Д. Икромӣ.

АДАМАР (Hadamard) Жак (8. 12. 1865, Версаль — 17. 10. 1963, Париж), математики машҳури франсавӣ. Аъзои АФ Париж (1912), аъзои ҳориҷии АФ СССР (1929). Ба СССР чандин маротиба омадааст. Бо тадқиқотҳояш дар соҳаҳои гуногуни математика машҳур аст. Проблемаи П. А. Чебышевро оид ба қонуни асимптотии тақсимоти ададҳои содда ҳал кард, ба буньёди назарияи функцияҳои таҳлили бутун саҳми калон гузошт, дар назарияи муодилаҳои дифференциалӣ натиҷаҳои муҳим ба даст овард. Ғояҳои ӯ ба пайдоиши таҳлили функционалӣ таъсири калон расонд.

АДАМСИТ, дигидрофенарсазинхлорид, $HN(C_6H_4)_2AsCl$, кристалли зарди бебӯй, t гуд. 195° С, дар об ҳал намешавад, дар аксари ҳалкунандаҳои органикӣ бадҳалшаванда (ғайр аз ацетон), аз ҷиҳати химиявӣ устувор. А.-ро аз дифениламин $(C_6H_5)_2NH$ ва хлориди арсен $AsCl_3$ ё аз хлоргидрати дифениламин $(C_6H_5)_2NH \cdot HCl$ ва ангидриди арсенит As_2O_3 ҳосил мекунанд. А. ба қабили моддаҳои ба роҳи болоии нафас таъсиркунанда дохил мешавад. Дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) чун моддаи заҳролудкунанда тавсия шуда буд.

АДАН عدن пойтахти Республикаи Халқии Демократии Яман. Бандари муҳими б. Араб дар назди гулӯгоҳи Бобулмандаб. Аэропорташ аҳамияти байналхалқӣ дорад. Аҳол. қариб 350 ҳаз. наф. (1976). Корхонаҳои софкории нефть, бофандагӣ, консервбарорӣ, таъмири киштӣ ва ғ. мавҷуданд. Экспорти А.— нефть, маҳсулоти нефть, моҳӣ, маҳсулоти х. қ. (ғалла, пахта, тамоку, чарм, пӯст). А. яке аз шаҳрҳои бостонӣ буда, чун маркази тиҷоратии давлатҳои ҷануби Арабистон шӯҳрат дошт. С. 1839 Англия онро забт намуда, ҳамчун базаи ҳарбии баҳрӣ ва баҳтар ҳарбии ҳавоӣ ба мақсади васеъ кардани мулкҳои худ дар Арабистони Ҷан. Ғарбӣ ва Шарқи Миёна истифода кард. Дар с. 1963 А. ба ҳайати Федерацияи Арабистони Ҷанубӣ дохил карда шуда буд. 30 нояб. 1967, баъди ғалабаи революцияи озодихоҳии миллӣ қӯшунҳои англисро аз А. берун карданд ва шаҳр ба ҳайати РХДЯ дохил гардид.

АДАПТАЦИЯ (лот. adaptatio — мувофиқат, созгорӣ), процесси ба шароитҳои муайяни муҳит мувофиқат кардани сохт ва функцияи организм ва узвҳои он.

А. физиологӣ ва таҳаввулӣ (эволюционӣ) мешавад. Ҳангоми А.-и физиологӣ организм ё узви алоҳидаи он ба шароити нави муҳит мувофиқат карда метавонад, мас., дар шароити кӯҳҳои баланд (то баландиҳои муайян) дар натиҷаи нарасидани оксиген ва таъсири омилҳои диг. функцияҳои системаи асаб, гардиши хун ва нафас вайрон нашуда, одам ба ин шароит мувофиқат пайдо мекунад. Дар А.-и физиологӣ системаи марказӣ ва канории асаб бо анализаторҳои муайян созгорӣ доранд. Дар ҳолати таъсири сусти барангезандаҳо ҳискунӣ зиёд ва дар ҳолати таъсири зиёди онҳо ҳискунӣ кам мешавад (мас., бо таъсири равшанӣ хурду калон шудани гавҳараки чашм). А. ба ҳамаи узвҳои берунии ҳис (босира, сомеа, шомма, зоиқа, ломиса) хос аст. А. нисбат ба ҳисси ҳарорат, шомма ва босира зиёд, нисбат ба ҳисси сомеа ва дард кам мешавад. Нисбатан ба ҳисси дохилӣ (мас., ташнамонӣ, гуруснамонӣ) А. ҳосил намешавад. А.-и таҳаввулӣ дар такомули генетикии насл (ниг. *Генетика*) ба вуҷуд меояд ва дар процесси интихоби табиӣ ва сунъӣ шакл мегирад. Ба назарияи материалистии А. бори аввал *Ч. Дарвин* замина гузошт ва исбот кард, ки А. дар процесси интихоби табиӣ ва сунъӣ ба вуҷуд меояд. Э. Геккель қобилияти мувофиқат ё тағайюри организмро, ки аз таъсири муҳити беруна ба вуҷуд меояд, манбаи А. медонист. Имконияти мувофиқати тадриҷии растаниро ба шароити нави рушд *И. В. Мичурин* бо таҷрибаҳои худ исбот кард.

Ад.: Шмальгаузен И. И., Факторы эволюции, М.-Л., 1968; Ахмедов К. Ю., Дыхание человека при высокогорной гипоксии, Д., 1971.

К. Ю. Аҳмадов.

АДАПТЕР (лот. adapto — мувофиқ мекунам), олатест, ки мавҷи садои дар қартаи граммофон сабтшударо тавассути лаппишҳои механикии нӯги сӯзан бо ёрии табдилдиҳандаҳои электродинамикӣ, электромагнитӣ ё пьезоэлектрӣ ба лаппишҳои электрии басомадашон чун басомади садо буда, табдил медиҳад. Лаппишҳои электрии дар А. ба вуҷудояндаро дар қувватдиҳанда таҳвият дода, баъд ба лаппишҳои садоӣ табдил медиҳанд.

АДВЕКЦИЯ (лот. advectio — таҳвил, ҷо иваз кардан), дар метеорология, таҳвили уфуқии ҳаво ва хосиятҳои физикии он. Дар натиҷаи А. дар ҳаво таҳвили гармӣ, хунукӣ, намӣ ва диг. ҳодисаҳои атмосферӣ ба амал омада, ба ҳолати обу ҳаво таъсир мерасонад. Обу ҳавои ягон мавзеъ ва элементҳои метеорологии ташкилдиҳандаи он ба мавзеи диг. ба самти уфуқӣ ҷо иваз кунад, А. ҳосил мешавад. Ҳодисаҳои атмосферирро, ки дар натиҷаи А. ба амал меояд, адвективӣ меноманд. Мас., тумани адвективӣ, раъду барқи адвективӣ, сармои адвективӣ ва ғ.

АДВОКАТУ́РА, ташкилоти адвокатҳо, дар СССР ташкилоти ихтиёрӣ-ҷамъиятии шахсоне мебошад, ки ба фаъолияти адвокатӣ машғуланд. Бо мақсади ҳимоя кардан дар тафтиши пешакӣ ва дар суд, инчунин барои расонидани диг. ёрии юридикӣ ба гражданинҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ба ташкилотҳо дар асоси Низомномаи оид ба А. коллегияи адвокатҳо кор мекунад. Органҳои худидоракунии А. интихобианд. Адвокат, ки аъзои коллегияи махсус (республикавӣ, шаҳрӣ ва ғ.) ҳисоб мешавад, дар ҳамаи органҳои судии СССР баромад карда метавонад. Органи олии коллегияи адвокатҳо маҷлиси умумӣ ё конференция буда, шумораи аъзоёни ҳайати коллегияро муқаррар ва Президиуми онро интихоб мекунад. Президиум консультацияҳои юридикӣ ташкил менамояд, мудирҳоро таъин, адвокатҳоро ба консультацияҳои юридикӣ тақсим, ба ҳайати коллегия қабул ва аз он хориҷ, ба кори адвокатҳо назорат мекунад ва ғ. Маблағи коллегияи адвокатҳо мувофиқи смета харҷ карда мешавад. Роҳбарии умумиро ба А. дар Тоҷикистон Вазорати адлияи РСС Тоҷ., шӯъбаҳои адлияи комитетҳои иҷроияи Советҳои вилоятии депутатҳои меҳнаткашон дар доира ва бо тартибе, ки қонунҳои Иттифоқи РСС ва РСС Тоҷ. муқаррар кардаанд, ба амал мебароранд. Коллегияи адвокатҳои РСС Тоҷ. мувофиқи Қонун дар бораи сохти судии РСС Тоҷ. 5 янв. 1961 (мод. 23) ташкил шуд. Вай аз рӯи Низомнома роҳбарӣ ба А.-и Тоҷикистон, ки Совети Олии РСС Тоҷ. 17 авг. с. 1961 тасдиқ кардааст, кор мекунад. А. советӣ барои муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гражданинҳо, муассисаҳои давлатӣ ва кооперативӣ, ниҳоя ва мустаҳкам намудани қонуниятии социалистӣ ва ба амал гузаронидани адолати судӣ ёрӣ мерасонад.

Ад.: Низомнома дар бораи адвокатураи РСС Тоҷикистон, Д., 1961.

С. Р. Раҷабов.

АДВО́Р (ар. ادوار ҷамъи دور даврҳо), ифода, ишора ва шаклҳои доиравӣ дар назарияи мусиқӣ ва илми *арӯзи* асрҳои миёна дар Шарқ. Ин доираҳо, ки А. ном доранд, ҷанакҳои вазн, ҷамъҳо (радаи садоҳо), нишонаҳои (ҳарфҳо) баҳрҳои арӯзро дар бар гирифтаанд. А. дар илми мусиқӣ ба ду маъниӣ истифода мешавад: 1) шаклҳои махсуси зарб ва усулҳои дойра (даф), ки бо ҳарфҳо ишора шуда, дар доираҳо ҷой мегиранд; 2) шакли ифодаи доираҳо, ки бо ҳарфҳо нишон дода шудаанд ва зинаҳои парда ё мақомҳоро ташкил медиҳанд. Ҷанакҳои зарби доираҳоро А.-и иқоъ (ادوار ايقاع доираҳои вазн, ритм) ё А.-и зуруб (ادوار ضروب доираҳои зарбҳо) меноманд. Агар А. иқоъ, умуман, доираҳои вазн бошанд, А. зуруб усулҳои дойра (даф)-ро ифода мекунанд. Иқоъ (ҷанакҳои вазн) аз нақраҳо (зарб, задан), ки воҳидҳои вазн мебошанд, ташкил меёбанд. Нақраҳо бо ҳамсадоҳои «Т» ва «Н» арабӣ ифода мешаванд. Даставвал аз маҷмӯъи нақраҳо вазни рукнҳо ва аз рукнҳо шаклҳои вазн (ҷанак) ҳосил мешаванд. Рукнҳо: тан, тана, танан, танна, тананан, танананан (—VVV— —VVV—VVV—) ва ғ. ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ мебошанд, ки бо калимаҳои шартӣ ифода ёфтаанд. Дар доира навъҳои зиёди рукнҳо ба тарзи мухталиф ҷой дода мешаванд, ки онҳо шаклҳои гуногуни вазнро ба вуҷуд меоранд.

Навъҳои зиёди рукнҳо ба тарзи гуногун дар доира ҷой дода шуда, онҳо шаклҳои вазнро ба вуҷуд меоранд: танан-танан-тананан-тан-тананан, ё ки тана-тананан-тана.

Усулҳои дойра дар ҷараёни иҷрои оҳанг якчанд бор такрор шуда, яке аз шаклҳои А.-ро ташкил медиҳанд, мас.: бака-бака-бум-бака-бака-бум-бака.

Дар рисолаҳои мусиқии асрҳои 13—15, 15 навъ ва дар диг. маъхазҳои мусиқии асрҳои 16—17, 17 навъи доираҳо ва усулҳои доира зикр шудааст.

Навъи дуюми А. А.-и мусиқӣ буда, нишонаи зинаҳои ҷойгиршавии ҷамъ (радаи садоҳо) ва мақомҳоро дар доира ифода мекунанд. Ҷамъҳо, хусусан, мақомҳое ки ба таркиби «Дувоздаҳмақом», шашовозаи онҳо ва зинаҳои шӯъбаҳои онҳо дохил мешаванд, дар гузашта ба воситаи ҳарфҳо ва пардаҳои уд ишора мешуданд, ки онҳо ба тарзи *абҷад* ҷо гирифтаанд. Овозҳо дар пардаҳои уд ҳосил мегардиданд ва центҳои мусиқӣ бо ҳарфҳои «Ҳ»-и ҳуттӣ ва «Ҳ»-и ҳавваз нишон дода мешуданд. Чунончи дар системаи «Дувоздаҳмақом» мақоми «Ушшоқ» аз пардаҳои зерин ҳосил мешавад:

А-Д-З-Ҳ-Иа-йд-йҳ-йҳ
0-204-408-498-702-906-996-1200
204-204-90-204-204-90-204

Мақоми «Ушшоқ» ба пардаи (лади) натуралии миксолидий (соль, ля, си, до, ре, ми, фа, соль) мувофиқ меояд. Ба монанди ин зинаҳои радаи овозҳое, ки ба шакли доиравӣ ифода меёбанд ва мувофиқи хоҳиш чанд бор такрор мешаванд, А. мусиқӣ ном дорад.

Муаллифони рисолаҳои мусиқӣ миқдори радаи овозҳоро ба таври гуногун хотирнишон намудаанд. Сафиуддини Урмавӣ, Ҷомӣ 84 навъи доира, Маҳмуди Шерозӣ 68 навъи доира ва Зайнулобидини Ҳусайнӣ 91 навъи доираҳоро дар рисолаҳои мусиқиашон хотирнишон намудаанд, ки онҳоро ҷамъи доираҳо ном бурдаанд. Ҷамъҳои машҳур дар таркиботи *«Дувоздаҳмақом»*, шашовоза ва шӯъбаҳои мусиқӣ алоҳида ҷудо карда шуда, дар амалиёти мусиқӣ ҳамчун асоси пардаи оҳангҳо ҳисоб ёфтаанд. Мақомҳо «Доираи Ушшоқ», «Доираи Рост», «Доираи Наво», «Доираи Буслик» ва ғ. ном доштанд. А. дар таъриҳи назарияи мусиқии тоҷик ва Шарқ мавқеи калон дорад. Зарбҳои мусиқӣ бо вазнҳои арӯз иртиботи узвӣ доштанд, яке аз омилҳои мусиқавияти шеър доништа мешавад, чунки вазни шеър ва зарбҳои мусиқӣ аз ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ташкил ёфта, ба ҳамин принсип хос мебошанд. Зарбҳои мусиқӣ барои ба оҳанг даровардани шеър ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ, дар гузашта А. илми махсус ҳисобида мешуд ва дар назди олимону санъаткорон А. бо номҳои илми адвор, илми иқоъ, илми адвори зуруб маълум ва машҳур буданд. А. дар гузашта барои таҳтеъи баҳрҳои вазни арӯз истифода мешуд (ниг. *Доираҳои арӯз*).

Ад.: Семёнов А. А., Среднеазиатский трактат по музыке Дервиш-Али XVII в., Ташкент, 1946; Джами, Трактат о музыке, Ташкент, 1961; Маҳмуди Шерозӣ, «Илми мусиқӣ» (тарҷ. И. Раҷабов, ба заб. ӯзб. Китобхонаи Ин-ти санъатшиносии Ӯзбекистон).

И. Раҷабов.

АДГЕ́ЗИЯ (лот. adhaesio — часпидан), ҳангоми ба ҳамдигар дучор шудани ҷисмҳои сахт ё моеъ бо қувваи кашиши молекулавӣ ба ҳамдигар часпидани сатҳи онҳо. Мас., часпиши локу ранг ба рӯи маснуотҳои олкоришуда. А.-е, ки дар сатҳи баъзе

ҷисмҳо ба вуҷуд меояд, *когезия* номанд. Мустаҳкамии А.-ро бо миқдори қуввае, ки барои аз рӯи ҷисм кандани пардаи локу ранг лозим мебошад, чен мекунанд.

Дар тиб — ба ҳамдигар ё бо қисмҳои худ часпидани узвҳои дохилӣ.

АДДИС-АБЕБА (ба забони амҳарӣ — гули нав), пойтахти Эфиопия, шаҳри калонтарин ва маркази муҳими саноатӣ ва маданиии мамлакат. Дар кӯҳсори Эфиопия, дар баландии 2400 м воқеъ аст. Аҳол. зиёда аз 1 млн наф. (1975). Узели роҳҳои автомобильгард; аз А. то бандари Ҷибути (Сомалии франс.) р. о. ҳаст; аэропорташ аҳамияти байналхалқӣ дорад. Дар А. корхонаҳои саноати сабук (бофандагӣ, чарму пойафзол), хӯрокворӣ (ордкашӣ, равғанкашӣ, гӯшту шир), чӯбгарӣ, масолеҳи бинокорӣ ва ғ. мавҷуданд. Ҳунармандӣ (бофандагӣ, чармгарӣ, кулолгарӣ, кандакорӣ дар металл ва чӯб) тараққӣ кардааст. Қаҳва, пӯст, ғалла, чорво, асал ва ғ. мефурӯшад. Дар А. дар баробари хонаҳои чӯбкорию похсагӣ, биноҳои серошёнаи замонавӣ, монанди банки миллӣ, маркази телевизион, қасри Африка ва ғ. мавҷуданд. А. ун-т, театри миллӣ, музеи таърихӣ-этнографӣ дорад. Ёдгориҳои таърихиаш: қасри император Менелики 2 (а. 19), ибодатхонаи ҳазрати Георгий (ох. а. 19), ёдгории шаҳидони ҷанги зидди фашизм (1955) ва ғ. Аз с. 1958 А. қароргоҳи комиссияи иқтисодии ТДМ дар Африка ва аз с. 1963 қароргоҳи Ташкилоти ягонагии Африка мебошад. А. 1887 буньёд ёфта, с. 1889 пойтахт шуд.

АДДИТИВӢ (лот. additivus — замшаванда), чунин хосияти бузургиҳост, ки дар асоси он қимати бузургии ягон объекти бутунро ифода мекардагӣ ба сумма қиматҳои бузургиҳои қисмҳои алоҳидаи он (ҳангоми ба таври дилхоҳ тақсим кардани объект) баробар аст. Мас., А.-и ҳаҷм чунин маъно дорад: ҳаҷми ҷисми яклухт ба суммаи ҳаҷми қисмҳои он ҷисмро ташкилдиҳанда баробар мебошад. Ба монанди ҳамин, дарозии ҳат, масоҳати сатҳ, массаи ҷисми физикӣ ва ғ. ба хосияти А. моликанд.

АДЕЛАЙДА (Adelaide), шаҳр, яке аз бандарҳои калони баҳрии Иттифоқи Австралия, марк. маъм. шт. Австралияи Ҷан. Дар соҳили хал. Сент-Винсент (дар резишгоҳи д. Торренс) воқеъ аст. Аҳол. 868 ҳаз. (1973). А. маркази калони мошинсозист (автомобильсозӣ ва ғ.). Саноати химия, электротехникӣ, софкории нефть, корхонаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ дорад. Электроника ва механикаи дақиқ тараққӣ кардааст. А. — маркази муҳими илмӣ ва маданиист. Дар А. ун-т, ду музей, консерватория, нигористон мавҷуд аст. А. с. 1836 буньёд ёфтааст.

АДЕНОЗИН, $C_{10}H_{13}N_5O_4$, нуклеозиде, ки аз аденин ва ангиштобаи рибоза таркиб ёфтааст. Моддаи кристаллии беранг, t гуд. 229° С. Дар об ҳал шуда, дар ҳалқунандаҳои органикӣ ҳал намешавад. Аз ҷиҳати химиявӣ А. асоси суст аст. А. одатан дар таркиби баъзе ферментҳои организм, кислотаҳои нуклеинӣ ва аденозинфосфат вомехӯрад. Онро дар натиҷаи кислотаҳои нуклеиниро бо ишқор гидролиз кардан ё аз кислотаи аденозинмонофосфат бо роҳи якто боқимондаи кислотаи фосфатро бо таъсири фермент ҷудо карда баровардан ҳосил мекунанд. А.-ро бо усули синтез ҳам ҳосил кардан мумкин аст.

АДЕНОИД (юн. aden — ғадуд ва éidos — шакл), нумӯи омосшакли бодомаки гулӯ, ки дар интиҳои деворaи болоии бинию ҳалқ ҷойгир шудааст. Бештар бачаҳои 3—10-сола гирифтор мешаванд. Аломати асосии А.: аз бинӣ ба душворӣ нафас гирифтан, зукоми бардавом, даҳонялагӣ, нодуруст сабзидани дандон ва ғ. Ҳангоми бештар калон шудани бодомаки номбурда бемор бо димоғ (манқа) гап мезанад, хобаш ноором, қувваи сомеа, диққат ва хотираш суст мешавад. Сабабҳои гипертрофияи (хеле калоншавии) бодомаки бинию ҳалқ бештар беморихои сироятии бачагона (илтиҳоби роҳи нафас, назла ва ғ.) аст.

Муолиҷа: бо усули ҷарроҳӣ дур кардани А.

АДЕНОМА, омоси ғадуд, омосе, ки дар узвҳои ғадудӣ (сина, тухмдон, бачадон, ҷигар, гурда ва ғ.) пайдо мешавад. А. аз рӯи таъсири худ ба организм дар аввал ҳарчанд безарар бошад ҳам, минбаъд мумкин аст, ба омоси саратон табдил ёбад. Бинобар ин онро дар сари вақт бо усули ҷарроҳӣ дур мекунанд.

АДЕНОМАТОЗИ ШУШ (юн. aden — ғадуд ва ōma — омос, варам), касалии давомноки ҳайвонот, ки ба шакли варами бофтаҳои шуш зоҳир мегардад. Ба А. ш. бештар гов, асп, саг, муш ва гулмоҳӣ гирифтор мешаванд. А. ш. қариб дар тамоми мамлакатҳои дунёё паҳн шуда, сабаби пайдоиш, пешгирӣ ва ба одам сироят кардани он пурра омӯхта нашудааст. Касалиро аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ — сулфа ва буғз муқаррар менамоянд.

АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ ادیب صابر ترمذی Шиҳобуддин ибни Исмоил (тақр. 1078—9. 10. 1147), шоири форсӣгӯ. А. С. Т. дар зодгоҳи худаш Тирмиз касби камол кардааст. Чанд соли ҳаёти худро дар саёҳати Арабистон ва баъзе шаҳрҳои Хуросон гузаронидааст. Шӯхрати донишмандӣ, кордонӣ ва истеъдоди баланди шоириаш ӯро ба дарбори ҳокимону волиёни Хуросону Мовароуннаҳр меовард. Сӣ сол дар дарбори ҳокими Хуросон Абулқосими Алӣ хизмат карда, баъд ба Марв, ба дарбори султон Санҷар кашида шудааст. С-ҳои 1140—41 А. С. Т.-ро ба сифати сафири давлати марказӣ ба Хоразм мефиристанд. А. С. Т. бо роҳе хиёнати Отсизи Хоразмшоҳро фош мекунад. Отсиз аз рӯи қасос шоирро ба дарёи Аму ғарқ мекунад. Аз А. С. Т. девони ашъоре боқӣ мондааст, ки зиёда аз 7000 байт дошта, аз қасида, ғазал, қитъа, тарҷеъбанд ва рубоӣ иборат аст. Шоир гарчанде бисьёре аз умри худро дар дарбори ҳукмронони давр гузаронидааст, дар эҷодиёти ӯ тарафҳои мусбат ва пешқадам бисьёр аст. Дар аксари қасидаҳои шоир, ки алфози мадҳию муболиғавии зиёде доранд, тавсифи баҳор ва гулу мул, ишқу ошиқӣ мавқеи асосӣ гирифтааст. Дар ин қабил ашъори ӯ фикрҳои муҳими иҷтимоӣ низ кам нестанд. Шоир сарватмандону мансабдоронеро, ки ба мардум зулм мекарданд, ба зери танқид гирифта, аҳли замонро ба адолат ва некӯкорӣ даъват кардааст. Бештари ғазалҳои А. С. Т. хусусияти лирикӣ дошта, салису равонанд. Муҳаббати инсонӣ, лавҳаҳои дилкаш ҷузъи муҳими онҳост. А. С. Т. дар қитъаҳояш аҳамияти илму дониш, некиву накӯкорӣ, қадршиносӣ ва ғ.-ро таъкид карда, бадӣ, разиливу зиштқорӣ ва насабпарастиро мазаммат намудааст. Мундариҷаи аксари тарҷеъбанд ва рубоиҳои А. С. Т. аз ҳаёти инсон канда нест ва асоси воқеӣ дорад. Ӯ дар ин гуна асарҳояш зебоиҳои табиат ва ишқи заминиро тараннум карда, дар тарғиби ахлоқи ҳамида сухан гуфтааст. Забони шоир дар қасидаҳояш пуртакаллуф, вале дар дигар қисмати ашъораш соддаву равон аст.

Ас.: Ашъори мунтахаб, Д., 1965.
Ад.: Абдуллоев А., Адиб Собири Тирмизӣ, Д., 1969. *А. Абдуллоев.*

АДИБИ НИШОПУРӢ ادیب نیشاپوری Мирзо Абдулҷавод ибни Мулло Аббос (1867, Нишопур—1926, Машҳад), шоир, олим ва нависандаи эронӣ. Дар оилаи Мулло Аббоси Нишопурӣ ба дуньё омадааст. А. Н. таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро дар Нишопур мегузаронад. С. 1880 ба Машҳад рафта, то охири умр он ҷо мемонад. Ба омӯхтани адабиёти форсию арабӣ шуғл меварзад, илми ҳайат, риёзиёт ва тибро низ омӯхта, яке аз донишмандони забардасти ин соҳаҳо мегардад. Маҷмӯаи шеърҳои А. Н. бо номи «Лаолии макнун» дар Машҳад ба табъ (1954) мерасад, ки қариби шаш ҳазор байт дорад. Мавзӯъҳои ирфонӣ, ишқӣ ва панду ахлоқӣ асосии мундариҷавии ашъори А. Н.-ро ташкил медиҳанд. «Рисола дар арӯзи форсӣ ва арабӣ», «Рисола дар шарҳи „Муаллақоти сабъа"» аз мероси илмии ӯст. А. Н. «Шарҳи Хатиби Табрезӣ бар «Ҳамоса»-и Абутамом» ном асарро дар чанд ҷилд ихтисор ва таҳрир намудааст. *А. Афсаҳов.*

АДИБИ ПЕШОВАРӢ ادیب پیشاوری Саидаҳмад ибни Шиҳоби Ризавӣ (1844—1930), шоир ва олими форсизабони Ҳинду Покистон. Маълумоти ибтидоиро дар Пешовар гирифтааст. Дар айёми ҷавонии А. П. байни аҳолии мухталифмазҳаби Ҳинд ҷанг ба миён меояд, падар ва хешовандонаш ба қатл мерасанд. Пас аз ин вай аз ватан фирор карда, дар шаҳрҳои Кобул, Ғазна, Ҳирот ва Машҳад умр ба сар мебарад. Фақат дар 30-солагӣ дар назди Муллоҳодии Сабзаворӣ ба таҳсили илм машғул мегардад. Девони А. П. с. 1934 дар Теҳрон чоп шудааст, ки дорои 4200 байти форсӣ-тоҷикӣ ва 370 байти арабӣ мебошад. Асари диг. ӯ «Қайсарнома» 14000 байтро дар бар мегирад. Дар ашъори А. П. мавзӯи ватан ва оҳанги норозигӣ аз замона бештар ҷой дорад. Аз А. П. бо номи «Тасҳеҳи девони Носири Хисрав» ва «Рисолаи динии фалсафӣ» осори илмӣ боқӣ мондааст.

Т. Шаҳобов.

АДИГЕ, вилояти автономии Адигей, дар ҳайати кишв. Краснодари РСФСР. 27. 7. 1922 ташкил ёфтааст. Масоҳ. 7,6 ҳаз. км². Аҳол. 400 ҳаз. наф. (1 янв. 1976). 6 райони маъмурӣ, 1 шаҳр, 6 пгт дорад. Марказаш — ш. Майкоп (127 ҳаз. наф.). А. дар қисми шим. ғарби Кавказ, дар соҳили чапи дарьёҳои Кубань ва Лаба воқеъ аст. Қисми шим. асосан аз ҳамворӣ (ҳамвории назди Кубань), қисми ҷан. аз доманакӯҳҳо ва кӯҳҳои Кавкази Калон иборат аст. Иқлимаш континенталии мӯътадил. Ҳарорати миёнаи янв. дар Майкоп —1,6° С; июль 22° С. Боришоти солона қариб 700 мм. Дарьёҳои асосии А.: Кубань (киштигард) ва шохобҳои он — Лаба, Белая, Пшиш. Заминҳои А. асосан сиёҳхок буда, 39% терр.-ро беша (аксар дар қисми кӯҳсор) ташкил мекунад. Бештар дарахтони булут, бук, граб, заранг, шумтол, ладен, арча ва санавбар меруянд.

Аҳолиш А. аз *адигейҳо*, русҳо, украинҳо ва ғ. иборат аст. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 49,9 наф.; 45,1% аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад.

То ибтидои а. 20 дар А. сохти община (ҷамоа)-и деҳа ва урфу одатҳои авлодӣ боқӣ монда буданд. Рев. Октябрь, коллективонии х. қ., барпо кардан ва тараққии соҳаҳои гуногуни саноат ҳаёт ва маишати халқи А.-ро ба куллӣ тағйир дод. А.-ро аз авг. 1942 то янв. 1943 фашистони истилогар ишғол карда, ба он зарари калон расонданд. Аҳолии А. дар фронт ва отрядҳои партизанӣ ба муқобили фашистони истилогар фаъолона мубориза бурданд.

Қариб 45% тамоми маҳсулоти вилоятро саноати хӯрокворӣ (консерв, винокашӣ, равғанкашӣ, тамокуи ферментационӣ, равғани эфир) медиҳад. Мошинсозӣ (з-дҳои дастгоҳу мошинсозии «Станконормаль»), истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, соҳаҳои саноати истеҳсоли газ, ҷангал ва чӯбу тахта (корхонаҳои чӯбгарӣ, фирмаи мебелу чӯбгарии «Дружба», комбинати целлюлозаю картон, иттиҳодияи истеҳсолии «Дубитель»), саноати сабук (ф-каҳои дӯзандагӣ, канабу арғамчин) тараққӣ кардаанд. Дар соҳаи х. қ. ғаллакорӣ афзалият дошта (53,6% киштзор), асосан гандум, ҷуворимакка кошта мешавад. Зироати техникӣ (офтобпараст, лаблабуи қанд, бангдона, тамоку, зироатҳои равғани эфирдор), сабзавот ва полиз мавқеи муҳим доранд. 28,4% майдони киштро зироати хӯроки чорво ташкил медиҳад. Чорвои калони шохдор, гӯсфанд, хук, парранда, занбӯри асал парвариш мешавад. А. шабакаи васеи роҳҳои оҳан, автомобильгард ва ҳавоию обӣ дорад.

Дар вилоят 978 духтур кор карда, беморхонаҳои он дорои 4670 кат мебошанд (1. янв. 1976). Обҳои минералӣ бисьёранд.

Хат ба забони адигей баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь ба вуҷуд омад. Дар мактабҳо зиёда аз 90,7 ҳазор талаба меҳонад (1975), 5 омӯзишгоҳи касбӣ техникӣ, 6 мактаби миёнаи махсус, Ин-ти давлатии педагогии Адигей кор мекунанд. Ғайр аз ин Ин-ти тадқиқоти илмии иқтисодиёт, ин-тҳои забону адабиёт ва таърих, музеи кишваршиносӣ, 168 хонаи маданият ва клуб, 163 китобхонаи оммавӣ, 276 дастгоҳи кинонишондиҳӣ мавҷуданд. 6 газетаи районӣ ва ду газетаи вилоятӣ — «Социалистическэ Адыгей» (аз с. 1926, ба забони адигей), «Адыгейская правда» (аз с. 1922, ба забони русӣ) чоп мешавад. Радиошунавонӣ дар вилоят ба забонҳои адигей ва русӣ мебошад.

Адабиёти адигей дар давраи Ҳокимияти Советӣ ба вуҷуд омада, дар асоси эҷодиёти даҳанакии халқ ва таъсири адабиёти советии рус ташаккул ёфт. Дар с-ҳои 30-юм авва-



лин бор эҷодиёти сарояндаи халқӣ Цуг Теучеж сабт шуд. Асосгузори насри адигей Т. Карашев романи «Ҷодаи бахт» (Мукофоти давлатии СССР, 1948), романи «Мусобиқа бо орзу» (1955), повести «Духтари шапсугҳо» (1951) ва ғ-ро ба табъ расонд. Адибони муосир Д. Костанов (тав. 1912), Ю. Тлюстен (тав. 1913), Х. Ашинов (тав. 1926), Г. Немченко (тав. 1936) дар соҳаи наср қувваозмой мекунанд. Асосгузори назми адигей А. Хатков (1901—37) ҳаёти нав, некӯкорию хислатҳои беҳтарини инсонро тараннум кардааст. Ашъори Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Х. Андрухаевро (1924—41) эҳсосоти баланди шоирона фаро гирифтааст. Достони «Рӯза» (1929), маҷмӯаи шеърҳои «Суруди хушбахтон» ба қалами М. Паранук (1912—70) тааллуқ доранд. Дар А. шоирон С. Яхутль, К. Жанэ, И. Машбаш, А. Гадагатль ва дигарон кор ва эҷод мекунанд.

Дар санъати халқӣ гулдӯзию зардӯзӣ, ҳаккокию кандакорӣ ҷои намоёнро ишгол менамояд. Санъати касбӣ дар давраи советӣ ба вуҷуд омад: рассомҳо В. Долгов (т. 1929), В. Мехед (т. 1924), Д. Мельников (т. 1923), ҳайкалтарош Д. Меретуков (т. 1928). Маданияти мусиқии адигейҳо аз суруд ва мусиқии рақсӣ ғанист. Асбобҳои халқии мусиқиро аз най ва ғарав месозанд. Омӯзишгоҳи мусиқӣ, театри драмавии вилоятӣ (иборат аз дастаҳои артистони русу адигей), филармонияи вилоятӣ, ансамбли давлатии рақсии «Нальмэс» мавҷуданд.

АДИГЕЙҲО (худ адиге гӯянд), халқест, ки дар вил. автон. Адигеи кишвари Краснодари РСФСР зиндагӣ мекунанд. Шумораи А. 100 ҳаз. (1970). Ба забони адигей гап мезананд. Аҷдоди А. сокинони қадимии Кавкази шим.— ғарбӣ буданд, аммо дар пайдоиши онҳо унсурони муҳоҷир (*скифҳо, сарматҳо, аланҳо* ва ғ.) низ ширкат доштанд. Дар а-ҳои 13—14 қисми адигҳо (*кабардаҳо*) ба ҳавзаи д. Терек кӯчиданд. Бештарашон дар соҳили б. Сиёҳ ва дар ғарби Кубань мондаанд. Ин қисми ғарбии қабилаҳои А., ки бо номи *черкасҳо* машҳуранд, аҷдоди бевоситаи А.-и ҳозира буда, дар охири а. 18 ва нимаи 1-уми а. 19 шапсугҳо, абадзеҳҳо, натухайҳо, темургоевҳо, бжедуҳҳо, бесленеевҳо ва диг. қабилаҳои хурдро дарбар мегирифтанд. Машғулияти асосии А. зироат ва чорводорӣ буд. Аксарияти А. ба мазҳаби суннии дини ислом мансубанд (аз а. 18). Дар натиҷаи Рев. Каб. Соц. Октябрь дар иқтисодиёт, маданият ва тарзи ҳаёти А. тағйироти куллӣ ба амал омад. 27 июли 1922 вил. автон. Адигей ташкил ёфт. Дар рафти сохтмони социалистӣ х. қ. коллективонида шуда, саноат тараққӣ кард. Халқи А. зиёнёни худро дорад. Нг. низ *Адиге*, вилояти автономӣ.

АДИГҲО, номи умумии қабилаҳои Кавкази Шимолӣ дар замонҳои пеш. Аз халқҳои ҳозираи Кавказ *адигейҳо, кабардаҳо, черкасҳо* ба А. мансубанд, ки забонашон ба якдигар наздик ва маданияти моддию маънавиашон аз бисьёр ҷиҳатҳо монанд аст. Қабилаҳои бодиянишини А. дар замонҳои қадим дар ҷ.-ғ. Кавкази Шимолӣ ва соҳили б. Сиёҳ мезистанд. А.-ҳои назди Кубань дар адабиёти атиқа ба номи *меотҳо* зикр гардидаанд. А. дар сарчашмаҳои арабию форсӣ бо номи кашакҳо ёд мешаванд. Дар а. 5 қавмҳои зиҳҳо ва каркатҳо шӯҳрат ёфта, то а. 10 сарвари иттифоқи қабилаҳои А. буданд. Аз вақти тохтутози муғулҳо (а. 13) номи черкасҳо машҳур шуд, вале дар адабиёти ғарб баъзан истилоҳи «зиҳҳо» дучор мегардад. Дар а-ҳои 13—14 қисми А. ба шарқ — ба ҳавзаи д. Терек кӯчиданд, ки дар он ҷо пеш аланҳо мезистанд, вале дар вақти тохтутози муғулҳо аксарашон қир карда шуданд. Аланҳои боқимонда, ки дар кӯҳҳо ҷон ба саломат бурда буданд, бо А. даромехта, халқияти кабардаро ташкил карданд ва минбаъд дар натиҷаи омезиш бо қабилаҳои дигар халқияти адиге ташаккул ёфт. Аҳолии адигеи вил. автон. Қарачаю Черкас қисман аз аҷдоди қабилаҳои адигҳои ғарбӣ, қисман аз кабардаҳое, ки с-ҳои 20—40 а. 19 аз Кубань омада буданд, иборат аст.

Ад.: Деопик В. Б., Адыгейские племена, дар кит.: Очерки истории СССР III—IX вв., М., 1956; Ногмов Ш. Б., История Адыгейского народа..., Нальчик, 1958.

АДИР, теппаҳои пасти серҷари доманаи кӯҳҳо дар атрофи водиҳои Осиёи Миёна (асосан водиҳои Фарғона, Зарафшон, Ҳисор, Вахш). Нисбат ба ҳамвориҳои атроф 100—400 м баландтар буда, аз таҳнишастҳои палеоген, неоген ва давраи чорумин (регсанг, конгломерат, лёсс ва ғ.) таркиб ёфтаанд. Ландшафти А. биёбонию нимбиёбонӣ буда, бештар растаниҳои эфемерӣ (хоклес) меруёнд. Ҳамвориҳои А. барои ғаллакорӣ истифода мешаванд.

АДИШЕВ Мӯсо Мирзофаёзович (тав. 15. 4. 1915, деҳаи Гулчаи вил. Ӯши РСС Қирғ.), геологи советӣ, доктори илмҳои геологияю минералогия (1969), проф., акад. АФ РСС Қирғ. (1961), директори Ин-ти геология (1954—75), ноиб-президенти АФ РСС Қирғ. (аз с. 1975). Аъзои КПСС аз с. 1948. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). Ун-ти давлатии Осиёи Миёна (САГУ)-ро хатм кардааст (1938—47). А. мутахассиси намоёни соҳаи геология ва сарватҳои зеризаминии ҷинсҳои таҳшину метаморфӣ. Дар Тиёншон формацияи варақасангҳои силикатии карбондори палеозои поёнро омӯхта, доир ба литологияю стратиграфияи таҳнишастҳои он тавсифи муфассал додааст. Геохимияи як қатор элементҳои ин формацияро омӯхт; дар таҳшину ҷамъ шудани баъзе металлҳо роли калон доштани микроорганизмҳоро муқаррар кард. Зиёда аз 50 асари илмӣ дорад. Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Металлогения метаморфических и осадочных толщ Тянь-Шаня, дар кит. «Закономерность различия полезных ископаемых», т. 9, М., 1970.

АДЛИЯ (ар. عدلية — адолат, қонуният, ҳаққоният), ҷамъи фаъолияти органҳо, ташкилотҳои судӣ, ки барои татбиқи адолати судӣ, аниқу бемайлон иҷро шудани қонунҳои советӣ, муносибати эҳтиёткорона ба моликияти социалистӣ, риоя намудани интизоми меҳнат, муҳофизати ҳуқуқ ва шаъну шарафи гражданҳо нигаронида шудааст. Чунончи, Вазорати адлияи РСС Тоҷ. ба судҳои вилоятӣ, шаҳрию районӣ роҳбарии ташкилӣ карда, барои амалӣ гардидани адолати судӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад, ба *адвокатура* низ роҳбарии умумӣ мекунад. Вазорати адлияи РСС Тоҷ. барои ба тартиб даровардани кодификацияи қонунгузорӣ дастурҳо тартиб дода, ба корҳои ҳуқуқӣ дар хоҷагии халқ, ба органҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бобати тарғиби донишҳои ҳуқуқшиносӣ дар байни аҳолӣ ва ғ. кӯмак мерасонад.

Ад.: Маҷмӯаи қарорҳои ҳукумати РСС Тоҷикистон, Д., 1972.

АДЛӢ عدلی сиккаи мис, ки аз а. 10 дар Осиёи Миёна дар муомилот буда, то охирҳои а. 16 пули асосӣ ҳисоб мешуд. Дар охирҳои а. 15 ба $\frac{1}{6}$ *динор* баробар буд. Дар а. 16 дар Бухоро сиккаи мис ба $\frac{1}{120}$ танга (сиккаи нуқра) баробар буд. Ҳамон вақт ба ҷои истилоҳи А. «пул» ва ё «пули сиёҳ» ба миён омад. Тангаи миси давраи Улуғбек низ А. номида мешуд. Дар а. 15 ченаки заминро низ А. мегуфтанд. *А. Ягонӣ.*

АДМИРАЛ (ар. امير البحر — амирулбаҳр, ҳокими баҳр), унвони ҳарбӣ дар Флоти ҳарбии баҳрӣ. Дар Европа дар а. 12 расм шуд (дар Венеция ва Генуя). Дар Россия ин унвонро (генерал-адмирал, адмирал, вице-адмирал ва контр.-адмирал) дар охири а. 17 Пётри I ҷорӣ кард. Бо Указ Президиуми Совети Олии СССР аз 7 маи 1940 дар ФҲБ СССР унвонҳои контр-адмирал, вице-адмирал, адмирал, адмирали флот таъсис ёфт, барои адмиралҳои хизмати инженерии кишти инженер-контр-адмирал, инженер-вице-адмирал ва инженер-адмирал ҷорӣ шуд. 3 марти 1955 ба ивази унвони адмирали флот — Адмирали Флоти Иттифоқи Советӣ қабул шуд. Аз 28 апр. 1962 унвони Адмирали Флот низ қабул гардид. Барои адмиралҳои хизмати инженерии кишти бо Указ Президиуми Совети Олии СССР аз 18 нояб. 1971 ба ун-

вонҳо чунин тағйирот дохил шуданд: контр-адмирал-инженер, вице-адмирал-инженер, адмирал-инженер.

АДМИРАЛИ ФЛОТИ ИТТИФОҚИ СОВЕТӢ, унвони олии ҳарбӣ дар ФҲБ буда, бо унвони ҳарбии Маршали Иттифоқи Советӣ баробар аст. Он 3 марти 1955 бо Указ Президиуми Совети Олии СССР ҷорӣ шуд.

АДМИРАЛТЕЙСТВО, 1) маркази асосии киштисозии ҳарбӣ барои ҳавзаи муайяни баҳр. А. дар Россия а-ҳои 17—19 дар Воронеж, Петербург, Севастополь, Николаев ва Кронштадт ташкил шуда буд. 2) Биноест дар Ленинград, намунаи барҷастаи санъати меъмории рус ва ҷаҳонӣ. Онро с. 1704 Пётри I ҳамчун корхонаи киштисозӣ бунёд карда буд. 3) Дар Британияи Кабир органи олии маъмурии қувваҳои баҳрӣ (ба вазорати баҳрӣ мутобиқ аст).

АДӢ ادی Султонҳоҷаи Самарқандӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1834—35), шоири тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти А. бештар дар Самарқанд гузаштааст. Мувофиқи маълумоти муаллифи «Мунтахаб-ут-таворих» — Ҳокимхон, А. муддате дар хидмати амирони Бухорою Қӯқанд буда, дар доираи адабии дарбори Умархони *Амирӣ* (1808—22) ба мансаби маликушшуарой расидааст. Амир Насруллоҳ баъди ба тахти аморати Бухоро нишастанаш (1827—60) А.-ро ба дарбораш даъват карда, ба вай унвони шайхулисломиро додааст. Назар ба маълумоти «Мунтахаб-ут-таворих» А. соҳиби се девон будааст. Ғазалиёти А. («Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ, Тошкент, 1902) аксар ишқӣ буда, қасидаҳояш васфӣ ва мадҳиянд. Ашъори А. аз ваҷҳи бадеият баркамоланд ва аз ҷониби ҳамзамононаш, аз ҷумла Ҷунайдуллои Ҳозиқ баҳои баланд гирифтааст.

Ад.: فضلی، تمنگانی، مجمعة الشعرا تاشکند، ۱۹۰۲؛ عینی ص. نمونه ادبیات تاجیک، مسکو، ۱۹۲۶.

Қаюмов А., Қӯқон адабӣ муҳити, Тошкент, 1961. *С. Амирқулов.*

АДОЛАТ (ар. عدالة — додрасӣ, накӯкорӣ), яке аз категорияҳои этика ва ҳуқуқ, ки ба воқеияти конкретӣ мувофиқ омадан ё наомадани моҳият ва ҳуқуқи инсонро ифода менамояд. Ба воситаи А. шаклҳои *шуури* ҷамъиятӣ — *ҳуқуқ ва ахлоқ* бо якдигар алоқаманд мегарданд. А. бар хилофи некӣ ва бадӣ, ки ба воситаи онҳо ба ин ё он ҳодиса баҳо дода мешавад, таносуби байни чандин ҳодисаро аз нуқтаи назари дар байни одамон тақсим шудани хайру шарри мавҷуда шарҳ медиҳад. Файласуфони *машшоия* (Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ), инчунин намояндагони фалсафаи *калом* — Муҳаммади Ғазолӣ, Фахруддини Розӣ ва диг. қайд кардаанд, ки А. аз се фазилат — ҳикмат, шуҷоат, иффат бармеояд. Ҳар кадом аз фазилати мазкур ба қувваҳои гуногуни нафсии инсон — хирад, ғазаб, шаҳват мансуб аст. Ба туфайли А. одам дар ҳама кор ҳадди эътидолро риоя карда, ба ифрот роҳ намедиҳад. Аммо мутафаккирони форс-тоҷик (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ ва диг.) А.-ро ба тарзи идораи давлат ва фаъолияти сардори мамлакат вобаста намуда, зуҳуроти онро дар ғамхорӣ дар ҳаққи мардуми меҳнаткаш, риояи қонун ва даст кашидан аз зулм мediданд. Баъзе мутафаккирони форс-тоҷик (Фирдавсӣ, Ҷомӣ) бошанд, аз идеали шоҳи одилу хайрхоҳ то ба тарғиби утопияи иҷтимоии ҷамъияти идеалие, ки дар он ҳама баробаранд, расиданд. Вобаста ба тағйир ёфтани шароити ҳаёти иҷтимоӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҳаёти маънавии ҷамъият А. мазмуни нав мегирад. «Адолати юнониҳо ва римиҳо ғуломиро одилона ҳисоб мекард; адолати буржуаҳои соли 1789 барҳам додани феодализмро талаб мекард, зеро феодализм дар назари он як чизи беадолатона буд» — навишта аст Ф. Энгельс (Маркс К. ва Энгельс Ф., Ас. мунтахаб, ҷ. 1, Д., 1963, с. 672—73). Дар оғози ҷамъияти ибтидоӣ А. дар риояи тартиботи ҷории сохти ҷамъиятӣ ифода мегардид. Баъдтар мафҳуми А. дар истифодаи неъматҳои моддӣ баробар будани тамоми аъзоёни ҷамъиятро ифода мекардагӣ шуд. Вале бо пайдо шудани моликияти хусусӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ А.-ро аз *баробарӣ* фарқ карданд. Акнун А. дар ҷамъият мавқеи баланд ишғол кардани одамонро мефаҳмонд. Ахлоқи феодалӣ қадри инсонро дар аслу насаб, ахлоқи буржуазӣ бошад, дар қобилияту саъйи ғун кардани сарват медид. Дар ҷамъияти социалистӣ қадри инсонро на баромади иҷтимоӣ ё моликият, балки фаъолияти босамари ҷамъиятии ӯ муайян мекунад. Чунин фаҳмиши А. дар принципи социалистии тақсимот аз рӯи меҳнат таҷассум ёфтааст. Доимо афзудани ҳуқуқу озодии гражданҳои советӣ ба тараққиёт ва мустаҳкам шудани вазифаҳои ахлоқию ҳуқуқии онҳо зич вобастаанд, зеро социализм зиёд шудани масъулияти гражданҳоро дар назди давлат, ҷамъият, коллектив, оила ва ғ. дар назар дорад. Мувофиқати пурраи А. бо баробарии иҷтимоӣ дар ҷамъияти коммунистӣ ба амал меояд, ки ин дараҷаи олии А. аст. Баробарии комил боиси инкишофи ҳарҷонибаи қобилияти одамон, барҳам хӯрдани тафовути асосии характери меҳнат, ба вуқӯъ пайвастани принципи коммунистии «Аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас мувофиқи талаботаш» мешавад. Фаъолияти КПСС зуҳуроти дурахшони ба амал татбиқ шудани ғояҳои ленинии А. мебошад.

Ад.: Маркс К. ва Энгельс Ф., Доир ба масъалаи манзил. Ас., мунтахаб, ҷ. 2, Д., 1965; Уткин Н. Ф. Очерки по марксистско-ленинской этике, М., 1972. *Н. Қулматов.*

АДОРАТСКИЙ Владимир Викторович (17.8.1878, Қазон — 5.6.1945), ходими Партияи Коммунистӣ, мураррих, файласуф, акад. АФ СССР (1932). Аз оилаи хизматчӣ. Фак-ти ҳуқуқшиносии Ун-ти Қазонро хатм кардааст. Аъзои Партияи Коммунистӣ аз с. 1904. С. 1905 ба губ. Астрахань, сонӣ ба хорича бадарға мешавад. А. баъди Рев. Октябрь, с-ҳои 1920—29 ҷонишини мудири управлениеи Архиви Марказӣ, аз с. 1928 аъзои дирекцияи Ин-ти Ленин, с-ҳои 1931—39 директори Ин-ти Маркс — Энгельс — Ленин; дар як вақт ба Ин-ти фалсафаи АФ СССР роҳбарӣ мекард. А. вакили съездҳои 16—17 ва 18-уми КПСС интихоб шудааст. Фаъолияти илмии А. асосан ба тадқиқи таърихи марксизм бахшида шуда, дар зери таҳрири ӯ 15 ҷ. асарҳои Маркс ва Энгельс ба забони русӣ интишор ёфтааст. А. доир ба омӯзиши асарҳои марксизм-ленинизм бисьёр китобҳо навиштааст.

Ас.: Научный коммунизм Карла Маркса, т. I, М., 1923; О теории и практике ленинизма, М.-Л., 1924; Маркс, Энгельс, Ленин и Гегель (Марксизм-ленинизм и гегелевская диалектика), дар маҷм.: Гегель и диалектический материализм, М., 1932; К вопросу о научной биографии Ленина, М., 1933; Избранные произведения, М., 1961.

«АДОТ-УЛ-ФУЗАЛО» ادات الفضلاء фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикӣ, асари Қозихон Бадрмуҳаммади Дехлавии маъруф ба Дҳорвол, ки с. 1419 таълиф шудааст. Қозихон дар тартиб додани «А.» бисьёр фарҳангҳои пешина: «Луғати фурс», «Рисолат-ун-насир», «Фавоиди Бурҳонӣ», «Лисонуш-шуаро», «Дастур-ул-афозил» ва ғ.-ро муҳокима ва истифода кардааст. Материали фарҳанг аз адабиёти а-ҳои 10—13 фароҳам омада аз ду қисм иборат аст. Дар қисми аввал калимаҳо аз рӯи ҳарфи якум ва дуюм ҷой гирифтаанд. Қисми дуюм ибора ва ифодаҳои бадеиро дарбар мегирад, ки мувофиқи ҳарфҳои аввал ва охир омадаанд. Дар охири фарҳанг ибораҳои арабии «Гулистон»-и Саъдӣ ҷамъ оварда шудааст. Дар «А.» тарзи хондан, талаффуз, маъноии аслӣ ва маҷозии калимаҳо шарҳ ёфтааст. Муқаддимаи фарҳанг аз маълумоти мухтасари лексикӣ-грамматикӣ иборат аст.

Ад.: Рауфов Ҳ., «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс, Д., 1973;
شهریار نقوی، فرهنگ نویسی فارسی در هند و پاکستان، تهران، ۱۳۴۱ ه. ش.
М. Муҳаммадиев.

АДОЙ ادائی Мавлоно Баҳоуддин Алии Шерозӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1521, Истамбул), шоир ва хаттоти форс-тоҷик. А. дар Шероз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, девони Камоли Хуҷандиро бо хати хуш китобат ва дар эҷоди шеър ба онҳо пайравӣ кардааст. А. Форс, Ироқ, Озарбойҷон ва Арабистонро саёҳат намуда, охир ба Истамбул расида, бо супориши Султон Салим

(1512—20) футӯҳоти ӯро бо номи «Салимнома» дар вазни «Шоҳнома» ба риштаи назм кашидааст. А. девони ашъор доштааст, вале то ҳол пайдо нест.

АДРА́С, матои мунаққаш, ки онро подшоҳӣ низ меномиданд. А.-ро аз абрешими нисбатан дурушт мебофтанд, ки нахи он аз 15—20 пиллаи даҳбанда иборат буд. Ҳар банд 200 нах дошт. Аз ҳар сӯрохи теғи дастгоҳи бофандагӣ чор нахи торро мегузарониданд. Пуди А. аз се ресмони борики сафед ё рангин иборат буд. Андозаи бари А. се хел мешуд: муқаррарӣ («одмиёна») — 40 см, сербар («олчинбар») — 70 см, камбар («якбара») — 26 см. А. дар ноҳияҳои алоҳида фақат бо нақшу нигор фарқ дошт, вале усули бофтани он як хел буд. Агар дар ҳар ду тарафаш гул партофта шуда бошад, А.-и дурӯя меномиданд. А.-ро бештар дар дастгоҳҳои махсус пардоз ҳам медоданд, ки дар натиҷа суфтаю ҷилодор ва сифати он беҳтар мегардид. А.-и содиротии Осиёи Миёна дар бозорҳои хориҷа (Афғонистон, Ҳиндустон, Хитой ва ғ.) шӯҳрати тамом дошт. Аз А. курта, ҷомаҳои мардона ва занона, кӯрпаю кӯрпачаҳо медӯхтанд. А. инчунин берун аз ҳудуди Осиёи Миёна, дар мамлакатҳои Шарки Миёна ва Наздик, Кавказ, Поволжье, Қазоқистон маъмул буд.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 96—97.

АДРАСМО́Н (Adonis), авлоди растаниҳои як ё бисьёрсолаи алафӣ аз *чакамугиҳо*. Пояи рост, барги панҷапанҷа ё паршакл, гули зард ё сурхи 5—24-барга, меваи бисьёрмағзак дорад. Дар дунёё 20 (дар СССР 11) намуди А. маълум аст. Дар РСС Тоҷ. 2 намуди А.-и ҳудрӯй (зардиспанд ва сурхиспанд) вомехӯрад.

Зардиспанд, гулзардак (A. turkestanicus), растании бисьёрсолаи алафӣ. Баландиаш 20—100 см, пояш бисьёр, камшохча, баргҳои қисми поёни поя пулакчаи бӯр, баргҳои поягӣ калон-калони пармонанд аст. Гули одатан 10—15-баргаи зард ва меваи мудаввар дорад. Июнь-июль гул ва июль-авг. мева мекунад. Одатан, дар алафзори дашт, бурсзор, инчунин дар марғзор ва ғ. (2000—3200 м аз с. б.) мерӯяд. Дар қ-кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва дар мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубию Шарқӣ паҳн шудааст.

Зардиспанд.

Сурхиспанд, испандак (A. aestivalis), гиёҳи яксола. Баландиаш 5—60 см. Пояи рост, барги паршакл, гули майдаи сурх дорад. Апр.-май гул ва май-июнь мева мекунад. Асосан дар алафзори шибляк, бурсзор ва ғ. (600—3450 м аз с. б.) мерӯяд. Дар қ-кӯҳҳои Қурама, Туркистон, Ҳисору Дарвоз ва дар мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубию Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ паҳн шудааст.

А. яке аз муҳимтарин воситаҳои табобати нуқси дил аст. Маҳлул ва қиёми алафи А.-ро ҳангоми суст будани кори дил тавсия медиҳанд. А. ҷузъи таркибии таблеткаи Бехтерев ва «Адонис-бром» аст. Баргу пояи А. карденолидҳои цимарин, К-строфантин-β, конваллятоксин, инчунин кумарини умбеллиферон, скополетин ва флавоноиди адонивернит ва ғ. дорад. Хосияти шифоии А. асосан ба карденолидҳо вобаста аст.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975; Гаммерман А. Ф., Гром И. И., Дикорастущие лекарственные растения СССР, М., 1976. *М. Ҳоҷиматов.*

АДРАСМО́Н, птш (аз 26. 3. 1941), тобеи ш. Қайроққуми вил. Ленинобод. Дар доманаи ҷан. ғарбии қ-кӯҳи Қурама, 60 км шим. ғарбтари ст. р. о. Рапқон (хати р. о. Хавос — Кӯқанд) ҷой гирифтааст. Аҳол. 9,4 ҳаз. наф. (1976), тоҷикон, ӯзбекҳо, русҳо ва диг. Аз конҳои назди А. маъдани сурбу висмут истеҳсол мекунанд. 3-ди аппаратураи пастшиддат, 2 мактаби миёна, 2 клуб, касалхона, муассисаҳои хизмати маишӣ дорад.

АДРЕНАЛИ́Н (лот. ad — назди ва renalis — гурдагӣ), гормони қабати мағзии ғадуди болои гурда, ки дар фаъолияти ҳаётии организми ҳайвонот ва одам роли калон мебозад. А. ҳосилаи пирокатехин мебошад. Массаи молек. 183,2. Кристалли сафеди аз ҷиҳати оптикӣ фаъол; дар оби гарм, кислота ва ишқор ҳал мешавад. А. дар организм аз норадреналин ҳосил мешавад, ки он импульсҳои асабиро ба системаи асаби симпатӣ (ниг. *Асаб*) мерасонад. А. ба хун дохил шуда, оксиген истеъмол кардани узву бофтаҳо ва мубодилаи моддаи онҳоро хуб мекунад; рагҳои хунро танг карда, фишори артериявиро баланд менамояд, кори дилу нафасгириро метезонад, кашишхӯрии мушакҳои рӯдаро суст мекунад. А. дар ҷигару мушак таҷзияи гликогенро тезонда, дар таркиби хун глюкозаро зиёд мекунад. Ҳамчун воситаи муолиҷа А.-ро аз ғадуди болои гурдаи ҳайвонот ва инчунин ба тарзи синтез ҳосил мекунанд. Бо маҳлули намаки гидрогенхлориди А., ки ба зери пӯст гузаронда мешавад, шок, коллапс, пастшавии фишори хун, зиққи нафас, беморихои аллергӣ ва ғ.-ро муолиҷа мекунанд.

АДРИАТИКА (итал. Mare Adriatico), баҳри нимкушода, қисме аз б. Миёназамин. Дар байни нимҷаз-ҳои Апеннин ва Балкан воқеъ аст. А.-ро гул. Отранто бо б. Ион мепайвандад. Бараш аз 93 то 222 км. Масоҳ. 132 ҳаз. км². Чуқуриаш то 1589 м. Аз се тараф бо к-ҳои Апеннин, Альп ва Динор иҳота шудааст. Дар Шим. Ғ. ва Ғ. соҳилҳояш паст ва ҷо-ҷо мурдобаҳо дорад. Ҷаз-ҳои калонтарин: Корчула, Хвар ва Брач. Халиҷҳои калони А.: Триест, Венеция ва Манфредония. Иқлимаш аз б. Миёназамин каме фарқ карда, ба он бодҳои маҳаллӣ (бора, сирокко, мистраль), ки ба ҳарорати ҳаво таъсири беш-тар доранд, хос аст. Зимистонаш серборишу Ҳарор. об дар авг. аз 24 то 26° С, февр. аз 7 то 13° С. Шӯриаш 30—38‰. Моҳидорӣ (сардин, скумбрия ва диг.) тараққӣ кардааст. Бандарҳои асосиаш — Триест, Венеция (Италия), Сплит, Дубровник, Котор (Югославия), Дуррес, Влёра (Албания).

АДСО́РБЦИЯ (лот. ad — назди ва sorbeo — меҷаббам), дар сатҳи моддаи сахт ё моеъ (адсорбент) ҷаббидашавии ягон моддаи дар ҳолати газ ё маҳлул буда (адсорбат). Мас., ҷаббидашавии газ ва ё моддае аз маҳлул ба ангишти чӯб, гил; ҷаббидашавии нурӣ ба хок ва моддаҳои ғизоӣ ба реша. А. бо таъсири қувваи байнимолекулавии сатҳи адсорбент ба амал меояд. Молекулаҳои адсорбат ба сатҳи адсорбент наздик шуда, ба он кашида мешаванд. Дар натиҷа қабати адсорбии як (моно-), ду (би-) ва бисьёр (поли-) молекулавии адсорбат ҳосил мешавад. Пас аз ба дараҷаи муайян расидани концентрацияи қабати адсорбии адсорбат *десорбция* ба амал меояд. Процесси бо адсорбент пайвасти химиявӣ ҳосил кардани адсорбатро *хемосорбция* меноманд. Агар моддаи ҷаббидашуда дар қабати адсорбӣ хусусияти худро нигоҳ дорад, онро А.-и физикӣ ва агар тағйир дода, бо адсорбент пайвасти химиявӣ ҳосил кунад, А.-и химиявӣ меноманд. А.-и физикӣ ба ҳарорат, фишор, концентрация ва структураи адсорбент вобаста аст. А.-ро дар процессҳои флотация, олкорӣ, тозаву соф кардани об, тоза кардани ҳаво (аз газҳои заҳрнок), таҳлили омехтаҳои мураккаб (ниг. *Хроматография*), муолиҷаи баъзе осебҳои роҳи меъдаю рӯда ва ғ. истифода мебаранд.

Ад.: Калонтаров И. Я., Свойства и методы активных красителей, Д., 1970. *Ҳ. М. Ёқубов.*

АДЪЮНКТУ́РА (аз лот. adjunctus — илҳоқ), яке аз воситаҳои асосии тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ барои муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии Қувваҳои Мусаллаҳи СССР. С. 1938 таъсис ёфтааст. Ба А. фақат офицерон қабул карда мешаванд. Мақсади таҳсил дар А. аз худ кардани методҳои тадқиқот, такмили ихтисоси илмӣ ва ҳимояи диссертацияи номзадӣ аст. Қоидаҳои қабул ба А., муддати таҳсил, инчунин шакл ва методҳои тайёрии адъюнктҳо айнан мисли ҳамон қоида-

ҳое мебошанд, ки дар аспирантура ҷорӣ гардидааند.

Хатмкунандагони А. барои пешрафти илми ҳарбии советӣ ва таълиму тарбияи ҳайати шахсии Армияи Советӣ саҳми арзанда мегузоранд.

АДЪЮТА́НТ (лот. adjutans — ёрдамчӣ), хизматчии ҳарбӣ ё офицери махсус, ки дар ҳузури сардори қисми ҳарбӣ ё назди штаб супоришҳои гуногунро иҷро мекунад.

АДҲА́МОВ Акобир Адҳамович (тав. 4. 9. 1928, Самарқанд), физики советӣ, акад. АФ РСС Тоҷ. (1968, аъзо-корр. 1957).

Аъзои КПСС аз с. 1959. Доктори илмҳои физика ва математика (1964), проф. (1966), директори Ин-ти физика ва техникаи ба номи С. У. Умаров (аз с. 1965) ва саркотиби илмии президиуми АФ РСС Тоҷ. (1965—68). Акад.-котиби шӯъбаи илмҳои физикаю математика ва геологияю химияи АФ РСС Тоҷ. (аз с. 1976). Баъди хатми Ун-ти давлатии Ӯзбекистон (1949), дар аспирантураи Ун-ти давлатии Москва (1950—53) таҳсил намуда, дар соҳаи физикаи назарияви дисс. номзадӣ (1954) ва дисс. докторӣ (1964) ҳимоя кард. С-ҳои 1954—65 дар Ун-ти давлатии Тоҷикистон муаллими калон, мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назарияви, декани фак-ти физика ва математика, проректор оид ба корҳои илмӣ буд. Таҳти роҳбарии А. дар Ин-ти физика ва техника сектори физикаи назарияви ва силсилаи лабораторияҳои ультрасадо, таҳлили рентгеноструктурӣ, таҳлили активационӣ, электроникаи квантӣ, криогенӣ ташкил гардид. Тадқиқоти А. ба акустикаи молекулавӣ ва назарияи кинетикии паҳншавии мавҷҳои ультрасадо оиданд. Бори нахуст назарияи кинетикии паҳншавӣ ва фурӯбарии ультрасадоро дар моеот тадқиқ кард; назарияи кинетикии эластикӣ ва ғилзати моддаҳои ғайриякҷинса ва ҳодисаҳои интиқолро омӯхт. А. тадқиқоти илмиро бо фаъолияти педагогӣ пайваста, дар мактабҳои олӣ физикаи назарияви ва курсҳои махсуси онро таълим медиҳад; ба кори илмии студентону муаллимон ва аспирантҳо роҳбарӣ мекунад; таҳти роҳбарии ӯ гурӯҳи мутахассисон дар соҳаи назарияи кинетикии модда ва физикаи ультрасадо дисс. номзадӣ ҳимоя кардаند. А. муаллифи тақрибан 100 асари илмист.

Ӯ аъзои совети илмӣ доир ба проблемаҳои ультрасадои АФ СССР ва аъзои совети илмӣ оид ба физикаи моеоти назди Вазорати мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси СССР, раиси совети илмӣ доир ба проблемаҳои амалии АФ РСС Тоҷ., ҷонишини раиси совети илмии Ун-ти давлатии Тоҷикистон доир ба додани унвони илмӣ (соҳаи физика ва математика), аъзои ҳайати асосии таҳририяи Сарредакцияи илмии Энциклопедияи Советии Тоҷик мебошад. Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медаль мукофотонида шудааст.

Ас.: Применение метода функции Грина в классической статистической механике, Д., 1975.

АЕ́З ایاز ғуломи Султон Маҳмуди Ғазнавист, ки гӯё ба туфайли садоқати фавқулъодаи худ ба хоҷааш ва ақли расояш то ба вазирӣ расида будааст. А. ба образи адабӣ табдил ёфта, дар фольклор ва адабиёти тоҷик дар ин замина нақлу ривоятҳои зиёде ба вуҷуд омадааст. Шоирон дар ин мавзӯъ достонҳои махсус низ офаридااند, ки маснавиҳои «Маҳмуд ва Аёз»-и Алии Сафӣ (а. 16), Зулолии Хонсорӣ (а. 17) ва ғ. аз ҳамин қабиланд. *А. Абдуллоев.*

АЕ́ЗҚАЛЪА́, харобаи се қалъа дар райони Берунии РАСС Қароқалп., ки ба асрҳои 4—2 то м. тааллуқ дорад. С. 1937 экспедицияи Хоразм ҳафриёти археологӣ ва тадқиқоти онро сар кард. Қалъаи сеюм муфассалтар омӯхта шуд. Вусъаташ 260 × 180 м буда, аз саҳни ҳавлӣ ва 40 хона иборат аст. Вусъати умумии хонаҳо 2400 м². Девори хонаҳо аз хишти хоми чоркунҷа бардошта шудааст. Дар А. асбоби сафол, олоти меҳнат, яроқ, тангаҳои мансуб ба давраи *Кушониён*, аз ҷумла тангаи *Канишка* ёфт шудااند. А. дар он замон дар шимоли шарқии Хоразм яке аз истеҳкомҳои муҳим буд.

АЕ́НИЯТ дар таълим, истифодаи воситаҳои аёнӣ, ки ба инкишофи тафаккури хонандагон ёрӣ мерасонанд. Аз тарафи педагоги чех Я. А. Коменский (1592—1670) пешниҳод шудааст. Педагоги бузурги рус К. Д. Ушинский таълимеро, ки на дар тасаввуроти абстрактӣ, балки дар образҳои конкретии предметҳо ифода ёфтааст, таълими аёнӣ меномад. Дар ҳамаи мактабҳои советӣ хусусан барои хонандагони хурдсол, ки захираи донишҳо онҳо дар бораи олами гирду атроф кам аст, дар таълим воситаҳои аёнӣ истифода карда мешаванд. Якчанд намуди А. вуҷуд дорад: А.-и образнок ё хотиравӣ, А.-и предметӣ (экскурсия, дарс бо нишон додани растанӣ ва ҳайвонот), А.-и тасвирӣ (суратҳо, модельҳо ва ғ.).

АЕ́С, дар охирҳои тирамоҳ, зимистон ва аввали баҳор якбора паст шудани ҳарорати рӯи Замин ва қабати ҳавои наздизаминӣ. Радиационӣ, адвективӣ ва адвективию радиационӣ мешавад. Ҳангоме ки ҳаво софу бодӣ сабук мевазад, нурафкании сатҳи Замин ба максимум мерасад ва аёси радиационӣ ба амал меояд. Дар натиҷаи аз ягон минтақа ба таври уфуқӣ бо шиддат даромадани массаҳои ҳавои хунук аёси адвективӣ ба вуҷуд меояд (ниг. *Адвекция*). Якҷоя ба амал омадани ин ду омил боиси пайдо шудани аёси адвективию радиационӣ мегардад. Охирҳои тирамоҳ ва аввали баҳор дар натиҷаи А. рӯи замин яхи тунук мебандад ва ба х. қ. зарар мерасонад.

АЖДА́Р, 1) Draco — ҷинси калтакалосҳои ҳашаротхӯр аз оилаи *офтобгардак*. 14 намуди он дар галаҷаз. Малай ва Осиёи Ҷанубӣ паҳн шудааст. Ин қабил А.-ҳо то 30 см дарозӣ, тӯши камбари қадре пачақ, думи борики дароз доранд. Дар паҳлӯ пӯсти чин дар чин («парашют») дошта, ба воситаи он ба масофаи 20—25 м парвоз мекунанд. Ранги онҳо алочипори кушод ва металлтоб. Бештар дар дарахт ҳаёт мегузаронанд. Аз ин А.-ҳо маъмултаринаш А.-и паррон (D. volans) аст. 2) Varanus komodensis — А.-и Комодо, ки калонтарин ва қадимтарин хазанда буда, дар ҷазираҳои Комодо, Ринҷа ва Флореси галаҷаз. Зонди Хурд паҳн шудааст. Дарозии он 3—3,5 м буда, вазнаш 130—150 кг аст. Сараш чун сари мор, думаш калони пурзӯр ва баданаш пулакчадор. Нағз шино мекунад. Ҳайвонҳои сумдор (гавазн, асп, гуроз), маймун ва диг. ширхӯрони на он қадар калон, паррандагон, моҳӣ ва лошаи онҳоро мехӯрад. Махлуқоти номбурдаро бо пайт ҳамла карда ё бо думаш зада шикор мекунад. Хар-

Аждари Комодо

гӯш ва саг барин ҳайвонҳоро яклухт фурӯ мебарад. Зери харсанг ва зери решаи дарахтонро кофта, то 25 дона тухм мегузорад. Баъд аз ҳашт моҳ аз тухм аждарбачаҳо мебароянд. 3) Аждаҳо, аждарҳо, аждаҳор, машҳуртарин персонажи ғайритабиии адабиёти лафзии халқҳои Шарқ. Дар асотири Хитой, Япония ва Корея персонажи мусбат ва дар адабиёти мамлакатҳои Шарқи Наздик манфӣ аст. А. дар адабиёти лафзӣ таҷассуми қувваҳои бадӣ ва рамзи харобию зулумот буда, аз тарафи қувваҳои некӣ мағлуб мешавад. А. аз адабиёти лафзӣ ба китобӣ низ чун рамзи харобию торикӣ ва таҷассуми бадкирдорӣ дохил шудааст. Дар «Авесто» бо номи Аждаҳака ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо номи Заҳҳок ёд мешавад. 4) Аждаҳо, номи бурҷест дар нимкураи шимолии осмон. Ниг. *Тиннин.*

А. Ғаниев, Д. Обидов.

АЖДАРДАҲАН, гули хандон (Antirrhinum), авлоди растаниҳои ороишии як ё дусола, мансуби *астармолаиҳо*. Барги нештаршакл, гулбаргҳои гулобӣ, зард, сурх ва сафеди интиҳояш чун «даҳони аждар», пояи росту шохронда (баландиаш 30—70 см) ва ғӯзаи мӯякнок дорад. Дар Нимкураи Шимолӣ, хусусан Америкаи Шимолӣ ва Европа тақрибан 40 намудаш паҳн шудааст. А. аз қаламчааш ҳам нумӯ мекунад. Дар СССР, аз ҷумла дар Тоҷикистон як намуди А. (A. majus)-ро дар боғу гулбоғ, хиёбону растаҳо ва тубакҳо парвариш мекунанд. А. аз моҳи июнь то фарорасии сармо ботадриҷ шукуфта, тухм мебандад. *М. М. Шарифова.*

АЗ КОР ДУР КАРДАН, аз рӯи ҳуқуқи советӣ: 1) муваққатан аз иҷрои вазифаи меҳнатӣ озод кардани коргаре, ки музди кораш дода намешавад. 2) Тамоман ва бечунучаро А. к. (мансаб) д. к. бо роҳи аз кор озод кардан ё ба кори диг. гузаронидан. Коргар ё хизматчиро мувофиқи қонунҳои Иттифоқи РСС ва республикаҳои иттифоқӣ фақат бо таклифи органҳои ваколатдор аз кор (вазифа) дур карда, музди кораш надодан мумкин аст (мод. 42 КҚ РСС Тоҷ. оид ба меҳнат). Вақте ки мансабдор ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар аз мансаб дур кардани ӯ зарур бошад, муфаттиш дар ин бора қарори ваҷҳноке мебарорад, ки онро бояд прокурор тасдиқ кунад (мод. 153 КМҶ РСС Тоҷ.). Маъмурияти муассисаву корхона ҳуқуқ надорад, ки шахси ба чиноят гумонбар ё айбдор шударо аз кор озод намояд. Комитети назорати халқ ҳуқуқ дорад, ки шахсони мансабдорро барои даҳалона вайрон кардани интизоми давлатӣ ва диг. хатоҳои ҷиддӣ аз мансаб дур кунад.

АЗ КОР ОЗОД ШУДАН, коргарон ва хизматчиёни советӣ аз ҷои кораашон фақат дар асос ва мувофиқи қонунгузории оид ба меҳнат озод карда мешаванд. Мувофиқи қонунҳои ҷорӣ коргар ё хизматчӣ танҳо дар мавридҳои зерин аз кор озод шуда метавонад: ризояти тарафҳо; ба охир расидани мӯҳлати шартнома; ба хизмати ҳарбӣ даъват ё дохил шудани коргар ё хизматчӣ; бекор карда шудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси коргар ё хизматчӣ, бо ташаббуси маъмурият ё бо талаби органи иттифоқи касаба; бо ризояти худи коргар ё хизматчӣ ба кори дигар гузаронидан; ба вазифаи интихобӣ гузаштани ӯ; ба маҳалли дигар бо якҷоягии корхона, муассиса, ташкилот ба кор гузаштанро рад кардани коргар ё хизматчӣ; бо ҳукми суд; барҳам дода шудани корхона, муассиса, ташкилот, кам кардани шумора ё штати коркунон; ошкор шудани номувофиқ будани коргар ё хизматчӣ ба вазифаи ишғолкардааш, дар натиҷаи нокифоягии ихтисосаш, ё аҳволи саломатиаш, ки ба давом додани ин кор мамониат мекунад; бе сабабҳои узрнок мунтазам иҷро накардани вазифаҳои ба зиммаи коргар ё хизматчӣ гузошташуда; прогул бе сабабҳои узрнок; дар натиҷаи муваққатан гум кардани қобилияти меҳнат дар муддати зиёда аз чор моҳи пай дар пай ба кор ҳозир нашудан (мод. 34, 35, 36 КҚ РСС Тоҷ. оид ба меҳнат).

АЗАЛУ АБАД (ар. ازل و ابد азал— ибтидои замонӣ надоштан, абад — интиҳои замонӣ надоштан), мафҳумҳоеанд, ки файласуфони машшоъ (Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ) ва намояндагони равияи материалистӣ (Ибни Рованди, Закариёи Розӣ) барои ифодаи қадим, ҷовидон ва фанонопазир будани олам истифода бурдаанд. Онҳо азалияту абадияти оламро аз азалию абадӣ будани худо медонистанд. Мувофиқи таълимоти ин файласуфон олам *атрибути* худост. Худо ҳамчун сабаби аввалини олам азалию абадӣ ва фанонопазир мебошад. Агар худо ҳамчун сабаби мавҷудияти олам азалию абадӣ бошад, олам низ чун натиҷаи амали вай қадиму абадӣ ва фанонопазир аст, зеро сабабу натиҷа бе якдигар вуҷуд надоранд, ҳастии сабаб ҳамеша мавҷудияти натиҷаро тақозо дорад, чунки сабаб ба туфайли мавҷудияти натиҷа сабаб аст. Ин ҳукм, бо вуҷуди маҳдудияти идеалистиаш, ба таълимоти ислом дар бораи офариниши олам ва фанои он тамоман зид буд. Аз ин сабаб ин таълимот ҳадафи танқиди тунду тези мутакаллимон (пайравони фалсафаи *калом*) гардид. *Н. Қулматов.*

АЗАН (юн. қадим Azanes), писари Артей, роҳбари дастаи суғдиён дар қӯшуни *Хашиёршоҳ* (Ксеркс) ҳангоми юриши ӯ ба Юнон (480 то м.).

АЗАТҲО (форсии дарӣ—озод; арм. озод, олиҳиммат), саҳеҳаш о з о д-ҳ о, 1) лашкари саворааи эрониёни аҳди Сосонӣ, ки дар замони ҷанг аз ҳар гуна хирочу андозҳо озод буданд. 2) Феодалҳои майда ва миёнаи ибтидои а-ҳои миёнаи Арманистон.

АЗИЗ АҲМАД عزیز احمد (тав. 1912), нависандаи урдузабони Покистон. Асарҳои ӯ дар Покистон ва Ҳиндустон машҳуранд. Дар романҳои А. А. «Гурез» (1955), «Чунин баландӣ, чунин пастӣ», «Оташ» ва ғ. фиску фасоди ҷамъияти капиталистӣ инъикос шудааст. Аксари ҳикояҳои маҷмӯаи «Рӯзҳои беҳуда, шабҳои беҳуда», «Рақси нотамом» ва романи «Шабнам» (1955) ба ҳаёти зиёиёни бахшида шудаанд. Қаҳрамонони ин асарҳо барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҳаёт мубориза мебаранд ва ба анҷоми неки он бовар доранд. Воқеаҳои повести таърихии А. А. «Вақте ки чашмон зиреҳ пӯшидаанд» (1956) дар аҳди Темур рӯй медиҳад. Дар эҷодиёти А. А. таъсири модернистони Ғарб зиёд ҳис карда мешавад. *Ш. Пӯлодова.*

АЗИЗ НЕСИН (Aziz Nesin; тахал., номи аслиаш Маҳмуд Нусрат; тав. 1915, Истамбул), нависанда ва публицисти турк. А. Н. устоди ҳаҷви сиёсӣ ва иҷтимоӣ, муаллифи ҳикоя ва романҳои ҳаҷвист. Ҳаҷвиёти А. Н. ба муқобили нуқсонҳои иҷтимоӣ ва мунофиқии сиёсӣ дар муборизаи байни партияҳо ва ғ. равона шудааст. Характерҳо ва шароите, ки ӯ тасвир кардааст, зиддиятҳои шахсию ҷамъиятиро инъикос менамоянд: «Кадом партия ғалаба ҳоҳад кард?» (1957), «Хари мурда» (1958), «Офарин» (1959) ва ғ. Қаҳрамонони писандидаи А. Н.— амалдори хурд, зиёии ноком, камбағали орзумандии кор мебошанд. Афсонаҳои ҳаҷвии маҷмӯаи «Дар мамлакате» (1958) ва як силсила шеърҳо низ ба қалами А. Н. тааллуқ доранд. Асарҳои нависанда дар бисьёр мамлакатҳо тарҷума ва нашр шудаанд. А. Н. дар конкурси умумиҷаҳонии ҳаҷвнависои, ки дар Италия барпо гардида буд, ду бор ба гирифтани мукофоти «Шоҳаи нахл» мушарраф гардидааст: с. 1956 барои ҳикояи «Ҳамдии Фил» (нашр. тоҷ. 1963) ва с. 1957 барои ҳикояи «Тантанаи дег». Бисьёре аз ҳикояҳои А. Н. ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, дар саҳифаҳои газетаю журналҳо ва дар маҷмӯаи «Фонус» (1963) нашр шудаанд.

АЗИЗБЕКОВ Машҳадӣ Азимбек ӯғлӣ (18. 1. 1876—20. 9. 1918), ходими барҷастаи ҳаракати революционӣ ва аз нахустин марксистони Озарбойҷон, яке аз 26 нафар комиссарони Боку. Аъзои КПСС аз с. 1898. Аввал омӯзишгоҳи реалии Боку, баъд Ин-ти технологии Петербургро (1908) хатм кардааст. Фаъолияти революционии А. с. 1897 аз иштирок дар намоишҳо эътирозии студентони Ин-ти технологии Петербург, ки худ сардори он буд, оғоз меёбад. Ӯ дар қатори диг.

САДРИДДИН САИДМУРОДЗОДА АЙНИ

ташкилотчиёни намоиш ҳабс карда мешавад. А. иштирокчии фаъоли Революцияи с-ҳои 1905—07, яке аз роҳбарони гурӯҳи с.-д. «Гуммет», ташкилотчии корпартоиҳои с-ҳои 1913—14 дар Боку, тарғиботчии идеяҳои революционӣ дар байни интеллигенцияи пешқадами Озарбойҷон буд. С. 1917 аъзои Совети Боку. Сент. 1917 роҳбари корпартоии умумии нефтькашон. Дар мустаҳкам кардани Ҳокимияти Советӣ дар Боку (окт. 1917) ва торумор намудани исьёни зиддисоветии мусовотчиён (марти 1918) иштирок доштааст. Дар Совети Комиссарони Халқи Боку ҷонишини комиссари халқии корҳои дохилӣ ва аз моҳи маи 1918 дар як вақт раиси комиҷроияи Совети депутатҳои деҳқонони уезди Боку буд. Баъди муваққатан сарнагун шудани Ҳокимияти Советӣ дар Боку (31 июли 1918) интервентҳои англис ва эсерҳо А.-ро дастгир намуда, дар қатори *комиссарони Боку* қатл карданд.

АЗИЗИ НАСАФӢ عزیز نسفی ибни Муҳаммад (тақр. 1240, Насаф—тақр. 1300, Абрқуҳ, Эрон), файласуф, мутафаккири мутасаввиф ва шоири форсӣтоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти А. Н. аввал дар Насафу Бухоро гузашта, баъди аз тарафи лашкари элхониён тороҷ гардидани Бухоро (1273) ба Хуросон меравад. Ба гуфти худи ӯ: «дар ҳеҷ ҷо оромӣ ва дилниҳодагӣ пайдо накарда», аз шаҳр ба шаҳр рафта, ба Боҳиробод, Кирмон, Шероз сафар кардааст.

А. Н. асарҳояш «Мақсад-ул-ақсо» («Мақсади дуртарин»), «Танзил-ул-арвоҳ» («Нозилшавии рӯҳҳо»), «Кашф-ул-ҳақоиқ» («Кашфи ҳақиқатҳо»), «Китоб инсон-ил-комил фимаърифат ил-вофир» («Китоби инсони комил дар маърифати зиёд»), «Манозил-ус-соирин» («Манзилҳои роҳгузарҳо»), «Мабдаъ ва маод» («Ибтидо ва охират»)-ро ба ҳалли масъалаҳои гуногуни тасаввуф (ишқ, фано, бақо, зикр, ҳақиқат) ва фалсафа (ҷавҳару араз, моддаву сурат, ҳаракату сукун) бахшидааст.

Ӯ ақидаҳои худро қиёсан бо андешаҳои намояндагони мактабу ҷараёнҳои гуногуни мазҳабию фалсафӣ амсоли аҳли таносух, ҳикмат, шариат, асҳоби вахдат баён карда, фикри онҳоро объективона зикр менамояд. Ин ҷиҳат А. Н.-ро ҳамчун муаррихи фалсафа маъруф гардонидааст. А. Н. чун идеалисти объективӣ сунъи олами моддиро қоил аст. А. Н. дар маърифат роли ҳисси панҷгона ва хусусан ақлро баланд бардоштааст. А. Н. *илҳом* ва *вахй*ро низ қоил аст. Осори А. Н. ба афкори мутафаккирони баъдина Алии Ҳамадонӣ, Ҳодии Сабзаворӣ ва ғ. таъсири муайян расондааст.

Ад.: Пять философских трактатов на тему Афак и Анфус, М., 1970.

А. Муҳаммадхоҷаев.

АЗИЗОВ Абдуқаюм (1902, деҳаи Қурғончаи Конибодом — 1962, деҳаи Работи райони Конибодом), боғдор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1953). Фаъолияти меҳнатии А. аз батракӣ (1916) сар шудааст. Солҳои 1922—30 коргари р. о. ст. Мельниковои Конибодом, 1931—35 коргари с-зи боғу токпарварии «Шаҳринав», 1936—40 сардори звено, 1941—43 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 1944—52 сардори звенои токпарварӣ, 1953—59 сардори бригадаи токпарварии с-зи «Шаҳринав»-и райони Ҳисор, 1959—62 сардори бригадаи токпарварии с-зи «Работ»-и р-ни Конибодом буд. Бо 2 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо (аз ҷумла бо медали тиллои ба номи И. В. Мичурин) ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АЗИЗОВ Домулло (1913, деҳаи Қистакӯз, уезди Хуҷанд — 1943, Гомель), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1943), сержанти хурд. Аъзои ВЛКСМ аз с. 1930. С. 1935 дар Қистакӯз муаллими мактаб, баъд котиби ташкилоти комсомолӣ шуда кор кард. С. 1942 ба сафи Армияи Сурх даъват шуда, дар полки тирандозии дивизияи собиқи 69-ум ба сифати командири расчёти пулемёт хизмат кардааст. 15 окт. 1943 мувофиқи фармони аз д. Днепр гузаштан А. аввалин шуда худро ба соҳили дигар гирифта, бо граната расчёти пулемёти душман ва гурӯҳи гитлерчиёнро нобуд кард. Расчёти А. дар камингоҳ истода, се ҳуҷуми душманро зада гардонд ва пешравии қисмҳои дигари ҳарбии советиро таъмин намуд. Дар зодгоҳаш — р-ни Хуҷанди вил. Ленинобод, с. ҚҚ., мактаби миёна ва колхоз ба номи вай монда шудааст. Дар он мактаб с. 1974 ба хотири А. музеи «Шарафи ҷангӣ» таъсис ёфт. Дар маркази колхоз бюсти ёдгории қаҳрамон гузошта шудааст.

Ад.: Сечкина Л. П., Фарзандони шарафманди Тоҷикистон, Д., 1968.

АЗИЗОВ Шодӣ, маъруф ба Усто Шодӣ (1878, деҳаи Мугулони Ғиждувон, вил. Бухоро — 1943, Бухоро), ҳофиз, навозанда, раққос, устоди санъати касбӣ, Ҳофизи Халқии РСС Ӯзб. (1940). Аз оилаи косиб. Дар синни 11-солагӣ чун раққоси моҳир ном баровард. Аз с. 1895 ба тавассути ҳофизони касбии Бухоро Тиллобой, Ота Ҷалол (Носиров), Ота Ғиёс, Мирзо Ҳидоят, Мулло Ҳофизи Восеъ, Қорӣ Убайдуллоҳ ва Қорӣ Каромати Дилкаши Танбӯрӣ санъати сароянда гирифта омӯхт. С. 1913 таҳти роҳбарии Ота Ҷалол ба омӯхтани «Шашмақом» пардохт. А. с-ҳои 30 чун ҳофиз ва устоди санъаткорони театри колхозии Ғиждувон хизмат намуд. Ӯ чун сароянди номии «Шашмақом» маъруф мебошад. Дар иҷрои А. порчаҳо аз мақоми «Бузург», «Сарахбор», «Тарона», «Уфари уззол», «Талқинчаи сегоҳ» ва диг. сурудҳои халқии тоҷикӣ навишта шудааст, ки дар фонди овози Ин-ти санъатшиносии Ӯзбекистон маҳфуз аст.

А. Раҷабов.

АЗИЗӢ Баҳриддин (1894, Ӯротеппа — 1944, ҳамон ҷо), шоир ва нависандаи советии тоҷик. Аз оилаи мударрис. Пас аз хатми мактаби кӯҳна муддате дар мадрасаи Ӯротеппа ва аз с. 1916 бо ёрии падараш Ҳазмӣ, ки шоир ва аз одамони маърифатдӯст буд, дар мадрасаи Бухоро таҳсил мекунад. Рев. Октябрро дар Тошкент пешвоз мегирад. Баъди тамом кардани омӯзишгоҳи дусолаи муаллимӣ ба зодгоҳаш баргашта, ҳамчун ходими маориф дар роҳи инқилоби маданӣ хизмат менамояд. Чанд гоҳ дар комитети иҷрояи шаҳр ва дар Суди Олии республика дар вазифаҳои гуногун хизмат мекунад ва пас ба корҳои адабӣ ва журналистӣ машғул мешавад. Фаъолияти адабии А. аз овони таҳсили мадраса шурӯъ гардидааст. Дар замони амирӣ бештар бо тахаллуси «Азмӣ» бар зидди истибдод ва таассуби динӣ шеър мегуфт. Шеърҳои ӯзбекии пешазинқилобии ӯ дар маҷмӯаи «Янги шукуфа ё худ миллий адабиёт» (Тошкент, 1917) чоп шудаанд. С-ҳои 20 шеърҳои ҳаҷвӣ ва мақолаҳои публицистии ӯ бо имзои мустаори «Тарсончак», «Тарсакӣ» ва ғ. дар саҳифаҳои матбуоти даврии тоҷик чоп гардидаанд. Ҳамчун нависанда, махсусан, дар с-ҳои 30 шӯҳрат ёфт. Ҳикояҳои ӯ, ки аксаран дар журнали ҳаҷвии «Мушфиқӣ» дарҷ гардидаанд, бо услуби эҷодиёти даҳанакии халқ нигориш ёфта, хурофотпарастӣ, урфу одатҳои бад ва ҷиҳатҳои манфии маишати мардумро фош ва тарзи нави

зиндагии социалистиро тарғиб месозанд. Мероси адабии А. дар маҷмӯаҳои «Зарбдор» (1932), «Ғалаба» (1932), «Ҳасани якдаста» (1936), «Қурбонӣ» (1937), «Ҳикояҳо» (1962) фароҳам омадааст. Фаъолияти эҷодии А. серсоҳа буд. Мақолаҳои сершумори ӯ дар мавзӯи танқиди адабӣ, таърихи адабиёт, кишваршиносӣ, масъалаҳои алифбо ва имло ба табъ расидаанд.

АЗИЗӢ عزیزی Юсуф (с. тав. ва ваф. номаълум), олим ва шоири а. 15. Дар Ҳирот зиндагӣ кардааст. Аз ӯ рисолае бо номи «Арӯзи Юсуф» боқӣ мондааст, ки як нусхаи он дар шӯъбаи ленинградии Ин-ти Шарқшиносии АФ СССР маҳфуз аст. А. кӯшидааст, ки аз осори гузаштагон танқидан истифода бурда, асари ба халқ фаҳмое офарад. Аз ашъори А. дар баёзу тазкираҳо хеле кам боқӣ мондааст. *А. Афсаҳзод.*

АЗИМОВ Абдусамад (тав. 1929, деҳаи Тегермии райони Комсомолобод), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). С-ҳои 1947—49 сардори звено, 1949—53 ҷонишини раиси к-зи ба номи Сталини р-ни Сталинобод (ҳозира Ленин), 1954—57 инструктори комитети районии комсомол, 1957—60 коргари управлениями «Энергострой» ва аз с. 1960 челонгари тресті «Средазэнергомонтажизоляция»-и р-ни Ленин. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АЗИМОВА Азиза (тав. 5.12.1915, деҳаи Сурхии Ӯротеппа), раққоса, балетмейстери тоҷик. Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1941). Аъзои КПСС аз с. 1941. С. 1927 ба омӯзишгоҳи педагогии занонаи Бухоро дохил шуда, дар дастаи ҳаваскорони он низ иштирок мекунад. С. 1930 ба ҳайати театри сайёри коргарони Тошкент дохил мешавад. С. 1932 ба Тоҷикистон омада, дар Театри давлатии академии драмавии ба номи Лоҳутӣ ба кор медарояд. Ӯ минбаъд рольҳои драмавии Ширин («Муборизаи» и А. Усмонов), Раъно (пьесаи ҳамноми С. Саидмуродов), Адельма («Маликаи Турандот»-и К. Гоцци) ва г.-ро ичро менамояд. С-ҳои 1938—46 раққосаи театри мусиқӣ (ҳоло Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Айнӣ). Ӯ рольҳои Нозгул («Ду гул»-и А. Ленский, 1941), Лиза («Эҳтиёткории беҳуда»-и Л. Герольд, 1943), Марияро («Фавворааи боғчасарой»-и Б. Асафьев, 1945) офаридааст. С. 1946 ба шӯъбаи режиссёрию балетмейстерии Ин-ти давлатии санъати театрии ба номи Луначарский дохил гардида, с. 1951 онро хатм менамояд. А. балетҳои «Лолаи сурх» (кори дипломиаш, 1950), «Доктор Айболит»-ро ба саҳнаи Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Айнӣ гузоштааст. Аз с. 1951 чун сарбалетмейстери Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба тарбияи наслҳои нави раққосони тоҷик машғул буд. А. ба сифати муаллимаи рақс дар театри Кобулнандории Афғонистон хизмат кардааст (1964—65). А. аз с. 1967 доценти фак-ти санъати ин-ти педагогии Душанбе (ҳоло Ин-ти давлатии санъати Тоҷикистон). Бо 2 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, 2 ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Роли Нозгул аз балети «Ду гул»-и Ленский.

Роли Лиза аз балети «Эҳтиёткории беҳуда»-и Герольд.

АЗИМОВА Ашурбибӣ (1902, ш. Исфара—22.3.1976, ҳамон ҷо), ходими партиявию давлатӣ. Аъзои КПСС аз с. 1929. Аз оилаи деҳқон. Фаъолияти меҳнатиаш с. 1927 сар шуд. То с. 1937 дар комичроияи Совети депутатҳои меҳнаткашон ва органҳои партиявии р-нҳои Исфара, Ашт, ш-ҳои Ленинободу Сталинобод коркуни масъул буд. С-ҳои 1938—39 комиссари халқии нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ., 1939—41 коркуни масъули аппарати КМ ПК Тоҷ. буд. Аз ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ то с. 1948 котиби Комитети партиявии р-ни Исфара, с-ҳои 1948—58 раиси Комичроияи Совети депутатҳои меҳнаткашони ш. Исфара ва аз с. 1958 то ба нафақа баромадан (1962) котиби Комитети партиявии ш. Исфара. Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2—5) ва ҷонишини Раиси Совети Олии РСС Тоҷ. интихоб шудааст. Дар съездҳои 1—14 ПК Тоҷ. аъзои КМ ПК Тоҷ. интихоб гардид. Бо 2 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.



АЗИМОИ НИШОПУРӢ عظیمای نیشاپوری (с. тав номаълум — ваф. 1698, Нишопур), шоири форс. А. Н. дар Нишопур таҳсили илм кардааст. Бо тахаллуси Азим ва Азимо шеър гуфтаст. А. Н. соҳиби табъи баланд буда, дар замони худ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон шӯҳрати босазо доштааст. Бо шаҳодати муосираш Малеҳои Самарқандӣ «дар шоирӣ шӯҳраи офоқ буда, девон қариб ба панҷоҳ ҷуз бошад». Аз ӯ маснавии фалсафие бо номи «Фавзи азим» боқӣ ҳаст. Ду нусхаи девони шоир (яке дар китобхонаи музеи Британия ва дигаре дар китобхонаи Авади ш. Банкипур) то ба мо расидааст. Ҳар ду нусха мукаммал буда, ғазалиёт, қасоид, рубоиёт, таркиббанд, тарҷеот ва қитъаҳоро дарбар кардаанд.

Ад.: محمد افضل سرخوش، کلمات الشعراء، لاهور، ۱۹۴۴

А. Зухириддинов.

АЗИМУТ (аз ар. السموت ҷамъи سمت — самт, сӯ), А.-и ҷирми осмонӣ ё А.-и ягон предмет дар замин — кунҷи байни ҳамвории меридиани нуқтаи мушоҳида ва ҳамвории амудӣ, ки аз ин нуқта ва ҷирми мушоҳидашаванда (ё предмети заминӣ) мегузарад. А. дар астрономия аз нуқтаи ҷанубии уфуқ ба самти ғарб, дар геодезия аз нуқтаи шимолии уфуқ ба самти шарқ бо андозаи камонии уфуқӣ чен карда мешавад ($0° \leqslant \alpha \leqslant 360°$). А.-ро асосан ба воситаи мушоҳидаҳои астрономӣ муайян мекунанд. А.-и предметҳои рӯизаминиро бо ёрии компаси магнитӣ ҳам муайян кардан мумкин аст.

АЗИНҲО, пайвастҳои гетероциклӣ, ки циклашон зиёда аз ду гетероатом дорад ва якеи он атоми нитроген аст. А.-и дар ҳалқаашон ду атоми нитрогендоштаро диазин, мас., пиримидин (I) ва А.-и дар ҳалқаашон се атоми нитрогендоштаро триазин, мас., цианурхлорид (2) ва г. меноманд. Дар цикли А. ба ҷуз атомҳои нитроген диг. гетероатомҳо (мас., оксиген, сульфур) ҳам вуҷуд доштанашон мумкин аст.

Циклҳои азинӣ бо системаи цикли бензолӣ ва г. низ конденсация мешаванд. Ҳамаи А. чун асос бо кислота намак ҳосил мекунанд. Бештари пайвастҳои азинӣ чун моддаҳои фаъоли физиологӣ, рангуборӣ, гербицидӣ, витаминӣ ва доруӣ аҳамият доранд. Пиримидин (I) пайвасти

табиии пахншудатарин буда, ба таркиби кислотаҳои нуклеинӣ дохил мешавад. А.-и синтезӣ (аминазин, люминал, сульфадимезин) дар тиб ис-



тифода мешаванд. Дар асоси циануррхлорид (2) гербицид ва рангворӣ тайёр карда мешавад. Дар асоси пиримидин ходимони Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. усули нави синтези рангубор ва исҷифодаи онро барои олкории нахҳои синтезӣ кор карда баромадаанд. *И. Ё. Калонтаров.*

АЗО..., қисми таркибии номи як гурӯҳ пайвастҳои химиявӣ, ки таркибашон нитроген дорад (азопайвастҳо, азорангуборҳо ва ғ.).

АЗО́В, баҳри Азов, дар ҷанубӣ қисми Европои СССР воқеъ буда, ба ҳавзаи уқ. Атлантик мансуб аст. Онро гул. Керчь бо б. Сиёҳ мепайвандад. Масоҳ. 38 ҳаз. км²; ҳаҷми об ба ҳисоби миёна 320 км³. Чуқуриаш ба ҳисоби миёна 8 м, ҷои аз ҳама чуқураш 14 м. Соҳилҳои Ғ., Шим. ва Ш. асосан паст, аз регсангҳои гӯшмоҳидор таркиб ёфтаанд. Соҳилҳои Ҷ. бештар ҷарӣ доранд. Таги баҳр ҳамвор буда, дар қисми марказ андаке нишеб аст. Ҷан. шарқи А. вулқонҳои лойфишон дорад. Халиҷҳои кушоди калонаш: дар Шим. Ш. Таганрог, дар Ҷ. Ш. Темрюк, дар Ҷ. Ғ. Арабат. Ҷаз-ҳои пасти начандон калон — Бирючий, Песчанье, Черепаха дар назди соҳилҳо ҷойгиранд. Ба А. д-ҳои калони Дон, Кубань, д-чаҳои Миус, Бердя, Обиточная ва ғ. мерезанд. Иқлими ноҳияи баҳр континентӣ. Зимистонаш хушки сард, тобистонаш гарм аст. Ҳарор. миёнаи ҳаво дар янв. ва февр. аз —1° то —6° С, дар июль 23—24° С. Боришоти солона 300—500 мм. Оби баҳр лой. Ҳарор. об тобистон 25°—30° С, зимистон аз 0° пасттар. Охирҳои дек. то аввалҳои март ях мебандад. Шӯриаш 9—11‰, дар назди резишгоҳҳо то 2—4‰ ва камтар аст. Вобаста ба самти вазиши бод ҷараёни об тағьир меёбад. Аз А. тосмоҳӣ, симмоҳӣ, сагмоҳӣ, шӯрмоҳӣ, судак, тарань, шемая, хамса, тюлька ва ғ. шикор мекунанд. А. ҳамчун роҳи нақлиёти баҳрӣ аҳамияти калон дорад. Бандарҳои калонаш: Таганрог, Жданов, Ейск, Бердянск.

АЗО́В, шаҳр дар вил. Ростови РСФСР. Бандари д. Дон дар назди резишгоҳи он ба хал. Таганроги б. Азов. Ст. р. о. Аҳол. 73 ҳаз. наф. (1976). Дар А. з-дҳои автоматҳои пресси оҳангарӣ, таҷҳизоти пресси оҳангарӣ, корхонаҳои саноати кишвисозӣ, сабук (ф-каҳои ҷуроббофӣ, пойафзол, дӯзандагӣ ва ғ.), хӯрокворӣ (асосан моҳӣ) мавҷуданд; масолеҳи бинокорӣ низ истеҳсол мекунанд. Техникумҳои политехникӣ, индустриявию педагогӣ, омӯзишгоҳи педагогӣ ва музеи таъриҳӣ-кишваршиносӣ дорад. А. яке аз шаҳрҳои бостонии назди б. Азов буда, а-ҳои 10—11 дар ҳаёти князии Киеви Русь буд. Тақрибан с. 1067 қипчоқҳо забт карда, онро Азак номиданд. С. 1471 А.-ро туркҳо ишғол намуда, ба истеҳкоми ҳарбӣ табдил доданд. С. 1774 А. ба Россия баргардонда шуд.

АЗОИМХОНӢ (ар. مزاحم — ҷамъи مزاحمة — дуою афсун ва хондан), дуое, ки барои дафъи «ҷину париён», инчунин барои гӯё шифо ёфтани беморон хонда, куфу суф карда мешавад. Азоимхон бо ҳар гуна ҳаракат вонамуд мекард, ки гӯё бо ҷину париён муборизa мебарад. Дуою афсунҳо одати қадимӣ буда, ҳанӯз дар ҷамъияти ибтидоӣ ба сабаби он, ки инсон дар муборизa бар зидди ҳодисаҳои табиат очиз буд, ба вуҷуд омадааст. Дар *Ведҳо* ба забони санскрит барои аз бадан дафъ кардани дардҳо ҳар гуна дуоҳо навишта шудаанд. Чунин «воситаи табобат»-ро дар байни қисми халқҳои муғулнажоди Сибирь, ки ба шаманҳо эътиқод доранд ва дар байни қавмҳои ҳиндуҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ҷамъияти синфӣ А. ба ҷузъи таркибии дини ҳукмрон табдил меёбад. Дар баъзе мамлакатҳои капиталистӣ, сарфи назар аз комьёбиҳои илму техника, А. ва дуохонӣ ба ҳаёти маънавии халқҳо, хусусан мардуми авом, ҳоло ҳам таъсир мерасонад. Илми ҳозиразамони тибби советӣ А.-ро ҳамчун одати кӯҳна, афьюни халқ дониста, зарари онро исбот кардааст. Ба туфайли инкишофи илми тиб А. дар РСС Тоҷ. тадричан аз байн меравад.

АЗО́Н (ар. اذان — хабар, даъват ба *намоз*), 1) дар ислом эълони намоз, ки ҳар рӯз панҷ карат хонда мешавад. А.-ро дар масҷидҳо муаззин (сӯфӣ) ба ҷо меорад. Ӯ ба забони арабӣ Оллоҳро таърифу тавсиф карда, мардумро ба саҷдаи вай даъват мекунад. Дар асл А. воситаи дар банду басти динӣ нигоҳ доштани одамон аст. 2) А. маҷозан саҳарии барвақт, субҳдамро низ мефаҳмонад. *Х. Курбонов.*

АЗОПАЙВАСТҲО́, пайвастҳои органикӣ, ки як ё якчанд азогурӯҳ — N = N — доранд. Ҳамаи А. рангноканд ва бештари онҳоро чун рангворӣ истифода мебаранд. А.-и соддатарин азобензол аст.

АЗО́Р (португ. Ilhas dos Açores — Ҷазираҳои бошагон), галаҷаз. дар уқ. Атлантик, дар назди соҳилҳои шим. ғарбии Африка. Аз с. 1976 дар ҳайати давлати Португалия соҳиби мухторияти дохилӣ гардид. Аз 9 ҷазира (Сан-Мигел, Терсейра, Пику, Сан-Жоржи, Флориш ва ғ.) ва якчанд риф иборат аст. Масоҳ. 2,3 ҳаз. км². Пайдоиши ҷазираҳо вулқонӣ; рельефашон кӯҳӣ; баландтарин нуқта 2320 м (к. Пику). Серзилзила. Чашмаҳои гарм бисьёранд. Иқлими А. субтропикии баҳрӣ. Ҳарор. миёнаи янв. 14° С, июль 22° С. Боришоти солона 700—800 мм. Дар нишебаи кӯҳҳо дарахтони кастона, ғор, маквис меруянд. Аҳолӣ бо парвариши растаниҳои цитрусӣ ва ток машғул аст. Шаҳр ва бандарҳои асосиаш — Понта-Делгада, Ангра-ду-Эроижму, Орта.

АЗОТ, ниг. *Нитроген.*

АЗОТАНДӮЗҲО́, азотфиксаторҳо, микроорганизмҳое, ки нитрогени ҳаворо аз ҳуд карда, пайвастҳои мураккаби нитрогении барои ғизои растанӣ мувофиқро ҳосил мекунанд. Ба А. бактерияи решаи *лӯбиёҳо* (авлоди Rhisobium), зиёда аз 15 намуди азотобактер (Azotobacter chroococcum, A. agile, A. indicum, A. galophilum ва ғ.), баъзе обсабзҳои авлоди Anabaena, Nostoc, Colothrix, Tolypothrix ва ғ. мансубанд. Бактерияи решаи лӯбиёҳо соле дар 1 га 100—200 кг пайвасти нитрогени ҳаворо ғун меорад.

АЗОТОБА́КТЕР (Azotobacter), авлоди бактерияҳои аэробӣ, ки нитрогени ҳаворо аз ҳуд карда, дастраси растанию микроорганизмҳои диг. мегардонанд. А.-ро аввалин бор олими немис М. Бейеринк с. 1901 аз хок (A. chroococcum) ва оби канал (A. agile) ҷудо карда буд. А. дар заминҳои корами минтақаҳои гуногун васеъ паҳн шудааст. Аз А. *азотобактерин* (азотоген) ҳосил мекунанд, ки чун нурӣ истифода мешавад.

АЗОТОБАКТЕРИ́Н, азотоген, нурии бактериявист, ки дар таркибаш бактерияҳои *азотобактер* дорад. Азотобактер нитрогени ҳаворо аз ҳуд карда, дастраси растанӣ мегардонад. А.-ро ҳамроҳи тухмӣ ба замин меандозанд ё ба лӯндакреша ва решаи кӯчати ғайрилӯбиёҳо А. мепошанд. А. хокӣ (дар торф ё хоки нейтралӣ) ва агар-агарӣ (дар *агар-агар*) мешавад. А.-и хокиро дар ҷои истеъмол ва агар-агариро дар лабораторияи нуриҳои бактериявӣ тайёр мекунанд. Ниг. низ *Нуриҳои бактериявӣ.*

АЗРАҚИИ ҲИРАВӢ ازرقی هروی Шарафуззамон Абулмаҳосин Зайнуддин Абӯбакр Ҷаъфар ибни Исмоил (1067, Ҳирот — 1133, Кирмон), шоири форс-тоҷик. Писари шоир Исмоили Варроқ. А. Ҳ. дар ташбеҳот, бадеъ ва васфи табиат устод аст. Девони А. дар ҳаҷми ду ҳазор байт ба мо расидааст. Дигар аз осори маъруфи ӯ «Достони Синдбод» (ё «Синдбоднома») аст, ки дар асоси тарҷумаи насрии Абулфавориси Фанорӯзӣ (а. 10) ба назм кашида будааст, вале имрӯз пайдо нест. Ривоят мекунанд, ки А. Ҳ. «Алфия ва Шалфия» ном китобе барои Туғонтоҳ (ҳокими Хуросон) навишта бу-

дааст, вале ин асар низ боқӣ намондааст.

Ад.: سعید نفیسی، تاریخ نظم و نثر در ایران و در زبان فارسی، تهران، ۱۳۴۴ ه. ش

И. Ҳидоятов.

АЗРАҚИЯ ازرقیه шадидтарин шохаи мазҳаби *хорицция*, ки бо номи пешвои он Абӯрашид Нофеъ ибни Азрақ аз с. 682 дар Басра маъмул ва сонӣ дар диг. мамлакатҳои мусулмонӣ паҳн гаштааст.

Принципҳои асосии А. чунинанд: тамоми мусулмонони ғайриазрақӣ (Усмону Алӣ ҳам) ба ҷуз Абӯбакру Умар кофир ва абадӣ маҳкуми оташи дӯзах буда, ғазовоти зидди онҳо зарур аст; дар муборизаи зидди диг. дину мазҳабҳо, дар қатори мардон, қатли занону кӯдакон низ ҷоиз мебошад; тӯҳмат ба мардони пок сазовори ҷазо нест, вале касе, ки занони покдоманро тӯҳмат мекунад, бояд ҷазо бинад; бар хилофи *ибодия* А. таълим медиҳад, ки дар гуфтор ва кирдор мулоҳизаю андеша *(таҷия)* ҷоиз нест; худо метавонад пайғамбареро ба замин фиристад, ки баъди пайғамбарӣ ва ё пеш аз фиристода шуданаш кофир бошад. Азрақиён бар ин ақидаанд, ки ҳар кас гуноҳи кабире содир кунад, кофир мешавад ва аз миллати ислом берун мегардад. А. баробарии ҳамаи аъзоёнро талаб намуда, халифаҳо ва ҳамаи истисморгаронро чун кофир сазовори қатл медонист. Тамоми мусулмонҳои ғайри А.-ро душман меш умурид, ки ин боиси ба ҳаракати А. хамроҳ нашудани оммаи васеъ гардид. Ҳоло А. чун ҷараёни мустақили динӣ вуҷуд надорад, фақат баъзе ҷиҳатҳои умумии он дар мазҳаби хорицция дида мешавад.

Ад.: Беляев Е. А., Мусульманское сектантство, М., 1957; Массэ А., Ислам, М., 1963; Петрушевский И. П., Ислам в Иране, Л., 1966.
علی اکبر دهخدا، لغت نامه، تهران، ۱۳۲۸ ه. ش.

Б. Исматов, К. Беков.

АЗУРИТ (франс. l'azur—лазурь, ар. лоҷвард, аз форсии дарӣ ложвард), минералест аз гурӯҳи карбонатҳо. Форм. химиявиаш $Cu_3[CO_3]_2(OH)_2$. Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ. Кристаллҳояш, одатан, кӯтоҳи призмашакл шуда, бештар ба шакли хока вомехӯрад. Рангаш нилобӣ, ҷилояш шишагун. Сахтиаш 3,5—4; зичиаш 3770—3890 кг/м³. Дар зонаи оксидшавии конҳои мис аз ҳисоби халькопирит, борнит ва диг. минералҳои мисдор пайдо мешавад. А. маъдани муҳими мис буда, дар таркибаш 55,3% мис дорад. Аз он ранги нилобӣ низ тайёр мекунанд.

АЗҲАРИ ТАБРЕЗӢ ازهر تبریزی (1422/23, Табрез—1502/03, Байтулмуқаддас), хушнавис. Шогирди Мирзо Ҷаъфари Табрезӣ. Хатшиносони гузашта А. Т.-ро сеюмин устоди хати настаълиқ (баъд аз Миралӣ ва Ҷаъфари Табрезӣ) донистаанд. А. Т. инчунин хати сулсро ба дараҷаи олӣ расонида, устоди усули шагона гардидааст. Машҳуртарин намунаҳои осори хаттотии А. Т. инҳоянд: шаш дафтари «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ (китобхонаи салтанатии Техрон), «Муқаттаот»-и Ибни Ямин (Музеи осори исломӣ, Истамбул), «Хамса»-и Низомӣ ва «Хамса»-и Хусрави Деҳлавӣ (китобхонаи донишгоҳи Панҷоб, Лоҳур), «Хусрав ва Ширин» (китобхонаи Ҷон Райландз, ш. Манчестери Англия) ва «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ (Музеи санъати Нью-Йорк).

АЗҲАРӢ ازهری Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Талҳа ибни Нӯҳи Ҳиравӣ (895, Ҳирот — 980), забоншинос ва адиб. Таълифоташ ба забони арабист. Дар Ҳирот ва Бағдод таҳсили илм кардааст. Мувофиқи маълумоти Ёқути Ҳамавӣ, ки дар «Мӯъҷам-ул-удабо» («Фарҳанги адибон») хабар додааст, А. 70 асари илмию адабӣ доштааст ва муҳимтарини он инҳоанд: «Ал-адавот» («Асбобу олот»), «Ат-таҳзиб фи-ллуға» («Грамматика»), «Маони шаҳоҳиди ғариб-ил-ҳадиси» («Маъниҳои калимоти номаълум дар ҳадис»), «Тафсиру ислоҳ-ил-мантиқи» («Тафсири мантиқ»), «Тафсир-ус-сабъи ат-тиволи» («Тафсири 7 қасида»), «Тафсиру шеъри Абутаммом» («Шарҳи девони Абӯтаммом») ва ғ.

Х. Наққош.

АЙБДОРКУНАНДАИ ДАВЛАТӢ, шахсе, ки дар суд дар вақти дида баромадани корҳои ҷиноятӣ айбномаро аз номи давлат дастгирӣ менамояд. Дар СССР прокурор, ҷонишинон ва ёрдамчиёни вай ба сифати А. д. баромад мекунанд. Айбномаи давлатиро тарафдорӣ кардан яке аз шаклҳои назорати прокурор аз болои аниқ иҷро намудани қонунҳо мебошад.

С. Р. Рачабов.

АЙБДОРКУНАНДАИ ҶАМЪИЯТӢ, намояндаи ташкилоти ҷамъиятӣ (коллективи меҳнаткашон), ки дар мурофиаи суд бо супориши ташкилоте иштирок намуда, вазифаи айбдоркунандаро иҷро мекунад. А. ҷ. аз тарафи коллектив интихоб шуда, бо рухсати суд дар мурофиа иштирок менамояд. А. ҷ. сарфи назар аз иштирок кардан ё накардани прокурор, дар мурофиа ширкат карда метавонад. Вай ҳамчун ифодакунандаи афкори ташкилоте, ки ӯро намоянда интихоб намудааст, метавонад дар суд бар хилофи ақидаи *айбдоркунандаи давлатӣ* сухан ронад. А. ҷ. мувофиқи қонун (мод. 250 КМҶ РСС Тоҷ.) ҳақ дорад бо тамоми материалҳои кори ҷиноятӣ шинос шуда, ба суд далелҳо пешниҳод кунад, дар тафтишу санҷида баромадани далелҳо иштирок намуда, ба суд фикраашро изҳор кунад ва далелҳоро рад намояд, дар муҳокираҳои судӣ иштирок карда, дар хусуси исботи айбдорӣ, ба ҷамъият хавфнок будани судшаванда ва кирдори содир кардан вай фикр баён кунад. А. ҷ. инчунин метавонад дар бораи татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва чораи ҷазо дар ҳаққи судшаванда ва доир ба диг. масъалаҳои мурофиаи судӣ мулоҳизаҳо баён намояд. Агар маълумотҳои тафтиши судӣ далолат кунанд, А. ҷ. ҳақ дорад аз *айбдоркунӣ* даст кашад. Дар мурофиаи суд иштирок намудани А. ҷ. яке аз асосҳои демократияи суди боадолати СССР мебошад, зеро он барои ҳаматарафа дида баромадани корҳои ҷиноятӣ ва баланд бардоштани аҳамияти тарбиявии мурофиаи суд мусоидат мекунад.

С. Р. Рачабов.

АЙБДОРКУНӢ, фаъолияти мурофиавии органҳои давлатӣ ё шахсони қонунан ваколатдор ба мақсади исботи ҷинояти айбдоршаванда дар назди суд. Мувофиқи КМҶ РСС Тоҷ. 3 намуди айбдоркунӣ мавҷуд аст: айбдоркунии давлатӣ, айбдоркунии хусусӣ, айбдоркунии ҷамъиятӣ.

АЙБДОРШАВАНДА, шахсе, ки мувофиқи қонун ба масъулияти ҷиноятӣ кашида шудааст. Шахс аз лаҳзае, ки дар бораи ба ҷавобгарӣ кашида шуданаш қарор баромадааст, А. ҳисоб меёбад. Дар ин қарор моҳияти гуноҳ, вақт, маҳал ва диг. ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, инчунин қонуни ҷиноятии дахлдор зикр мегардад. КМҶ ба айбдоршаванда ҳуқуқ медиҳад, ки бегуноҳии худро ҳимоя кунад (мод. 143, 148 КМҶ РСС Тоҷ.).

АЙБНОМА, акти мурофиавие, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тафтиши пешакӣ вазъияти ба вуқӯъ омадани ҷиноятро баён мекунад. А. баробари навишта шуданаш ба расмият медарояд, яъне ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки оид ба *айбдоршаванда* ҷамъ гардиданд, ба тартиб дароварда мешаванд. А. аз ду қисм: баёнӣ ва хулосавӣ иборат аст. Дар қисми баёнӣ моҳияти кор: ҷой ва вақти содир шудани ҷиноят, тарз ва мақсади содир кардани ҷиноят, оқибат ва диг. ҷиҳатҳои ҷиддии он; маълумот оид ба шахси ҷабрдида; далелҳое, ки мавҷудияти ҷиноят ва гуноҳи айбдоршавандаро тасдиқ мекунанд; ҳолатҳое, ки ҷавобгарии айбдоршавандаро сабук ё вазнинтар мегардонанд; далелҳое, ки айбдоршаванда ба ҳимояи худаш меоварад ва натиҷаҳои тафтиши ин далелҳо зикр карда мешаванд. Дар қисми хулосавӣ маълумот оид ба шахсияти айбдоршаванда, моҳияти айбдоркунӣ оварда шуда, модда ва ё моддаҳои қонуни ҷиноятие, ки ҳамин ҷиноятро пешбинӣ мекунанд, нишон дода мешаванд. Ба А. муфаттиш имзо карда, ҷой ва вақти тартиб дода шудани онро нишон медиҳад. Дар А. рӯйхати шахсоне, ки ба маҷлиси суд даъват шудаанд, справкаҳо оид ба мӯҳлати тафтиш, чораҳои пешгирӣ бо нишон додани вақти дар ҳабс нигоҳ доштан, оид ба далелҳои шайъӣ, даъвои граждани ва ғ. илова

карда мешаванд. Дар рӯйхати шахсоне, ки бояд ба маҷлиси суд даъват шаванд, ҷои истиқомат ё дар куҷо будани онҳо, варақаи кор, ки дар он баёнот ё хулосаи он ифода меёбад, нишон дода мешаванд.

Н. Абдуллоев.

АЙВАЗО́ВСКИЙ, Гайвазовский, Иван Константинович (29. 7. 1817, Феодосия — 2. 5. 1900, ҳамон ҷо), рассоми рус, нигорандаи манзараҳои баҳр. А. с-ҳои 1833—37 дар АР Петербург дар назди М. Н. Воробьёв ва рассоми франсавӣ Ф. Таннер таҳсил кардааст. У аз с. 1845 акад., аз с. 1847 проф. аз с. 1887 аъзои фахрии АР ва аъзои як қатор академияҳои Европа буд. А. бисьёр сафар кардааст, вале ҷои асосии зисташ (аз с. 1845) Феодосия буд. Вай ҳамчун рассом с-ҳои 40-уми а. 19 шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Хусусияти эҷодиёти А. дар тасвири романтикии табиати пурошӯбу тавонои баҳр, шафаққои дурахшон, ки дар рӯи мавҷҳои маҳтобранг ҷилва мекунанд, шуҷоати баҳрнавардон («Мавҷи нӯҳум», 1850, Музеи рус. Ленинград) зуҳур кардааст. А. шоҳиди машқҳои ҳарбии Флоти баҳри Сиёҳ буд ва як қатор расмҳои ҳудро ба корнамоиҳои маллоҳони рус бахшидааст («Муҳорибаи Чесмен», «Муҳорибаи Наваррин» — ҳардуяш с. 1848, дар нигористони ба номи А. ш. Феодосия). А. муаллифи қариб 6 ҳазор мусаввараи аз ҷиҳати бадеӣ мухталиф ва бисьёр лавҳаю акварельҳо мебошад.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 80—81.

АЙВА́Ҷ, деҳа дар С. қ. Ҷӯра Назарови р-ни Шаҳртуз, вил. Қурғонтеппа. Терр. к-зи «Айвач». Бандар дар соҳили д. Аму. То маркази район 39 км; роҳ асфальту шағалпӯш. Аҳол. 2399 наф. (1976), асосан тоҷикон. А. дорои мактаби миёна, пункти тиббӣ, клуб ва ғ. Соҳаи асосии хоҷагиаш — пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

АЙВО́Н, 1) кӯшк, қаср, кох; 2) бинои мавсимии болопӯши як, ду ё се тарафаш кушодае, ки мувофиқи шароити иқлими Осиёи Миёна дар пеши хонаҳои истиқоматӣ, ҷамъиятӣ, маъмурӣ ва ғ. сохта мешавад. А. дар санъати меъмории Ашкониён ва Сосониён чун қабулгоҳи дарбор ва асрҳои миёна чун ҷузъи биноҳои маъмурӣ, мадрасаву масҷидҳои Исфаҳон, Самарқанд, Шероз, Бухоро, Хуҷанд, Ҳирот, Балх, Боку ва ғ. маъмул буд. А. аксар шифту пештоқ ва сутунҳои кандакории сернақшу нигор дошта, ҳамчун нишастгоҳи барҳавои тобистона хизмат мекунад. Вобаста ба шароити табиӣ А.-ҳо дар Бухоро камбару баланд, дар Самарқанд, Ленинобод, Конибодом ва Исфара дар пеш ва байни хонаҳо сохта мешаванд.

Айвони мақбараи Хоҷа Абдуи Дарун (Самарқанд).

АЙДИ́Т (Aidit), Дипа Нусантара (30. 7. 1923—22. 11. 1965), арбоби ҳаракати коргарӣ ва коммунистии Индонезия. Дар ҷаз. Суматра, дар оилаи коргари плантация таваллуд ёфтааст. Аъзои Партияи коммунистии Индонезия (ПКИ) аз с. 1943. Фаъолияти сиёсиаш дар ташкилотҳои прогрессивии ҷавонон ва иттифоқҳои касаба сар шудааст. С. 1945 ҳукуматдорони ҳарбии Япония, баъдтар Англия ва Голландия ӯро барои муборизаи фаъолона дар роҳи истиқлолияти ватанаш ба ҳабс гирифтаанд. С. 1947 аъзои КМ, с. 1948 аъзои Бюрои сиёсии КМ ПКИ интихоб шуд. С-ҳои 1951—54 котиб, с-ҳои 1954—59 котиби генералии КМ ПКИ, сентябри 1959 раиси КМ ПКИ. Аз с. 1961 ҷонишини раиси Фронти Миллии Индонезия. А. меҳмони съездҳои 20—21 КПСС буд. Нояб. 1965 А. дар «воқеаҳои 30 сентябрь» (ниг. *Индонезия*) ҳалок шуд.

АЙКНА́С, ниг. *Раҳдавак.*

АЙЛО́Қ, ёйлоғ, ейлоқ, яйлоқ, мавзеъҳое, ки баҳору тобистон чорводорон барои чаронидани мол кӯчида мераванд. Ниг. низ *Чарогоҳ.*

АЙМА́НОВ Шакен Кенҷатоевич (15. 2. 1914—23. 12. 1970), актёр ва режиссёри қазоқ. Арт. Халқии СССР (1959). Аъзои КПСС аз с. 1940. Аз с. 1933 дар Театри драмавии Қазоқистон (Алмаато) кор кардааст. А. ҷиҳатҳои ичтимоӣ ва психологии образҳоро амиқ ва равшан мекушояд. Рольҳои беҳтаринаш: Ақан-сери («Ақан-сери ва Ақтоқты»-и Г. Мусрепов), Кобландӣ, Роҳбалад (пьесаи ҳамном ва «Абай»-и М. Авезов), Петруччио («Ромкунии зани қайсар»-и У. Шекспир), Тихон («Раъду барқ»-и А. Островский) ва ғ. мебошанд. Чун режиссёр (с-ҳои 1947—51 саррежиссёри театри қазоқ) кор кардааст. Аз с. 1940 актёр ва режиссёри кино буд. Дар фильми «Ҷамбул» роли Ҷамбулро бозидааст. А. таҳиягари фильмҳои «Духтури азизи мо» (1958), «Заволи атаман» ва ғ. мебошад. Депутати Совети Олии РСС Қаз. (даъватҳои 4 ва 7). Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1952) ва РСС Қаз. (1968). Бо ордени Ленин ва ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

АЙМА́РА, қавме аз ҳиндуёни Америкаи Ҷанубӣ. Қисми асосии А. дар атрофи кӯли Титикака ва суфакӯҳи Боливия — қисми ҷанубии департаментҳои Пуно (Перу), Ла-Пас ва Оруро (Боливия) зиндагӣ мекунанд. Қариб 1,3 млн наф. (1964), ба забони аймарӣ гап мезанад. Аҷдоди А. офарандагони маданияти Тиауанако мебошанд. Баъди истилои испанҳо (а. 16) бо вуҷуди истибдод ва нажодпарастӣ А.-ҳо забон ва қисман маданияти худро нигоҳ доштанд. Дар баъзе маҳалҳо сохти ҷамоаи ибтидоӣ боқӣ мондааст. Диндорон асосан католиканд. Ниг. низ *Ҳиндуёни Америка.*

АЙМО́Қ, 1) дар забонҳои туркӣ, муғулӣ ва қисман тунгусу манҷурӣ номи авлод, қабила ва ҳатто халқ; дар даврои феодалӣ мулки калон, вилоят, баъзан хонӣ (дар муғулҳо). 2) Номи маҳаллии воҳиди маъмурӣ — р-нҳо дар РАСС Бурят ва Вил. Автон. Олтои Кӯҳии РСФСР. 3) Дар Республикаи Халқии Муғулистон воҳиди асосии маъмурию территориявӣ. Органи олии ҳокимияти А. маҷлиси (хурали) депутатҳои халқист.

АЙН (ع), номи ҳарфи ҳаждаҳуми алифбои арабӣ ва бисту якуми алифбои тоҷикии арабӣ, ки овози ҳамсадои таркандаи чуқури ҳалқиро ифода мекунад. А. аз ҳарфи «айн» (о)-и алифбои финиқӣ, ки маъноии «чашм»-ро дошт, ба воситаи хати оромӣ омадааст. Баромади аслии А. аз хати мисриёни қадим аст. А. дар «Абҷад» адади 70-ро ифода мекунад.

В. Капранов.

АЙНА́К, афзори оптикист, ки барои беҳтар кардани босираи (биноии) одам ҳангоми нуқси мушак ва оптикаи чашм ё барои аз ҳар гуна таъсироти зарарнок ҳимоя кардани он тавсия мешавад. А.-ро духтури чашм (офтальмолог) таъин мекунад. А. аз шишаҳои оптикӣ ва чанбарак иборат аст. Воҳиди чени қувваи оптикии шишаи А. *диоптрия* (D) мебошад. Ҳангоми вайрон шудани рефракцияи (шикасти рӯшной) чашм шишаи А.-ро аз линзаи сферӣ месозанд, ки қувваи инкисори он ба ҳама ҷониб як хел аст. Линзаи сфериро ба ҷамъкунанда ё мусбат (+) ва паҳнкунанда ё манфӣ (—) ҷудо мекунанд. Линзаи мусбат барои шахсони наздикнобин (дурбин) ва линзаи манфӣ барои шахсони дурнобин (наздикбин) тавсия мешавад (ниг. *Дурбинӣ, Наздикбинӣ*). Линзаи А. фокуси шуоъҳои предметро дар шабакияи чашм ҷойгир мекунад. Барои ислоҳи *астигматизм*

шишаи А.-ро аз линзаи сфероцилиндрӣ (линзае, ки қувваи инкисори сатҳи он тағьирёбанда мебошад) сохта, барои ба мизон овардани *татобуқи* (аккомодацияи) чашм, онро аз линзаи бифокалӣ ё бисьёрфокалӣ месозанд. Костии шадид ва муштараки биноиро бо А.-и махсус (мас., олусиро бо А.-и призмавӣ) ислоҳ мекунанд. Линзаҳои контактӣ, ки бевосита ба қисми пеши тухми (гӯлаки) чашм гузошта мешаванд, яке аз навъҳои А. ҳисоб меёбанд. Аз ҷиҳати оптикӣ бартарии онҳо нисбат ба А.-и муқаррарӣ дар он аст, ки бо тухми чашм баробар ҳаракат мекунанд. Барои аз таъсироти зараркуни механикӣ (оҳанмайда, чанг ва г.), химиявӣ ва энергияи шуоъ ҳимоя кардани чашм А.-ҳои ҳимоявӣ месозанд.

АЙНИЯТ, категорияе, ки баробарӣ ва якрангии ҳодисаро бо худаш ё айнан якхел будани якчанд предметро ифода мекунад. Предметҳои А ва В ҳамон вақт айният пайдо мекунанд, ки ҳамаи хусусиятҳои (ва муносибатҳои) А барои В низ хос бошанд ва баръакс (қонуни Лейбниц). Азбаски воқеияти моддӣ доимо тағьир меёбад, аз ин рӯ А.-и мутлақ ҳатто дар хусусиятҳои асосии предметҳо ҳам дида намешавад. А. абстракт не, балки конкретист, яъне *тафовут*, зиддияти дохилӣ дошта, аз шароитҳои мавҷуда вобастааст. Барои А. додани предметҳо онҳоро нешакӣ фарқ кардан лозим аст, аз тарафи дигар аксаран А. додани предметҳои гуногун лозим меояд (мас., бо мақсади таснифоти онҳо). Ин чунин маъно дорад, ки А. бо тафовут алоқаманд буда, нисбӣ аст. Ҳама гуна А.-и предметҳо муваққатӣ, гузаранда ва инкишофу табдили онҳо мутлақ аст. Дар илмҳои аниқ А.-и абстрактӣ вобаста ба қонуни зиқшудаи Лейбниц барои он истифода мешавад, ки дар процесси маърифат, дар шароитҳои муайян, идеализация ва соддагардонии воқеият имконпазир ва ҳатмист. Аз рӯи чунин талаботҳо қонуни А.-и мантиқи низ тасреҳ меёбад. Аз таъбири метафизикии А. нисбат ба воқеият хулосаи тағьирнопазирӣ, собитии ашё меёроянд.

АЙНИЯТ дар мантиқ, яке аз қонунҳои асосии тафаккур, ки мувофиқи он ҳар як фикр ё мафҳум ба худ А. дорад. Дар мантиқ қонуни А.-ро бори аввал Арасту дар асари худ «Метафизика» баён кардааст. Қонуни мазкур бо таносуби А — А аст ё А = А ифода карда мешавад. Қонуни А. бар зидди айниятдор кардани фикру мафҳумҳои гуногунмазмун равона шудааст. Дар забон калимаҳои шаклан яку мазмунан мафҳумҳои мухталифро ифодакунанда мавҷуданд, ки онҳоро омоним меноманд. Ин гуна калимаҳоро ба ҳам омехтан боиси вайронкунии қонуни А., боиси айниятдор кардани мафҳумҳои мухталиф мегардад, мас.:

2 ва 3 ададҳои ҷуфт ва тоқанд.

2 ва 3 панҷ мешавад.

Пас, панҷ ҳам ададе ҷуфт ва ҳам тоқ аст. Хулосаи қиёси баёншуда нодуруст аст, чунки «ва» ба ду маъно кор фармуда шудааст: дар муҳокимаи якум «ва» ба маъноии пайвандак ва дар муҳокимаи дуюм ба маъноии ҷамъ истифода шудааст. Дар ин ҷо мафҳумҳои мухталиф айниятдор эътироф гардида, талаботи қонуни А. вайрон шудааст. Мувофиқи қонуни А. маъноии мафҳумҳои истифодашаванда бояд аниқ муайян шавад. Аниқ муайян накардани маъноии мафҳумҳои истифодашаванда дар тафаккур ба хатоҳои ҷиддӣ меоварад. Қонуни А. мисли диг. қонунҳои мантиқ ,қонуни дуруст ба ҳам алоқаманд намудани фикрҳо мебошад. Метафизикҳо қонуни А.-ро нодуруст шарҳ дода, мегӯянд, ки ин қонун бар зидди тағьироту инкишофи ашёи олами моддӣ нигаронида шудааст. Аммо дар ҳақиқат қонуни А. тағьироту инкишофи ашёи реалияти объективиро инкор намекунад. Дар воқеияти реалӣ қонунҳои диалектикӣ ҳукмфармоянд. Предмету ҳодисоти олами материалӣ ҳамеша дар тағьироту инкишоф мебошанд, бинобар ин, мафҳумҳо низ ҳамчун инъикоси предмету ҳодисот мазмунан тағьиру инкишоф меёбанд. Дар рафти инкишофи дониши инсон як мафҳум ба мафҳуми дигар мубаддал мегардад. Аммо ҳар як мафҳум дар айни замон мазмуни конкретӣ дорад. Пас, дар вақти фикр ва хулосабарорӣ мазмуни конкретии мафҳуми истифодашавандаро аниқу муайян карда, онро бо дигар мафҳуми дорои мазмуни конкретӣ омехтан мумкин нест. Омехтани мафҳумҳои мухталиф ба А.-и фикрҳои гуногун, ба вайрон шудани қонуни А. меоварад.

М. Болтаев.

АЙНИЯТ дар математика, баробарии ду ифодаи таҳлилӣ, ки барои ҳамаи қиматҳои имконпазири ишораҳои онҳо баробарии мазкур ҷой дорад. Мас.: 1) баробарии $(a+b)^2 = a^2 + 2ab + b^2$ барои ҳамаи қиматҳои a ва b дуруст аст; 2) $\frac{a^3 - b^3}{a - b} = a^2 + ab + b^2$ барои ҳамаи қиматҳои ададии $a \neq b$ ҷой дошта, аммо ҳангоми $a = b$ будан, қисми чапи баробарӣ маъноояшро гум мекунад; 3) баробарии $lgxy = lgx + lgy$ барои ҳамаи қиматҳои $x > 0$, $y > 0$ ҷоиз буда, лекин ҳангоми $x < 0$, $y < 0$ будан, қисми рости баробарӣ маъно надорад. Агар яке аз ифодаҳои таҳлилӣ бо табдили айниятии дигаре ҳосил мешуда бошад, ду ифодаи таҳлилӣ айниятан баробар мешавад.

АЙНУЛЯҚИН (ар. عين اليقين — бо чашм дида бовар кардан), зинаест (баъд аз *илмуляқин*) дар гносеологияи *тасаввуф*, ки дар он ба ориф гӯё кашфи асрори илоҳӣ муяссар мегардад. Ин дониш, гӯё на ба воситаи ақлу далелҳои илмӣ, балки ба туфайли муроқибаи ирфонӣ, ки гӯё дар қалби *сӯфӣ* ба вуҷуд меояд, ҳосил мешавад ва он ба фикри аҳли тасаввуф аз дониши ҳиссӣ ва ақлӣ бартар аст. Дар зинаи А. сӯфӣ гӯё дидори худоро мебинад ва баъд ба зинаи *ҳаққуляқин* қадам мемонад. А. чун диг. ҷузъҳои гносеологияи тасаввуф соф ирфонист.

К. Олимов.

АЙНУЛҚУЗОТ عين القضات Абулмаолӣ ибни Абдуллоҳ ибни Алии Миёнҷии Ҳамадонӣ (1099, Ҳамадон — 1131, ҳамон ҷо), олим ва нависандаи мутасаввифи форс-тоҷик. Дар илмҳои фалсафа, мантиқ, фиқҳ, калом, ҳадис, ҳисоб, адаб, сарфу наҳв шӯҳрати зиёде доштааст, ки дар асарҳои таъриҳӣ бо таъбири «пешвои орифони замон» ва «саромади асри худ» тавсиф шудааст. А. яке аз назариячиёни тасаввуф буда, бештари таълифоташ ба ин соҳа оид аст. Дар ибтидои фаъолияти илмиаш зери таъсири Ғазолӣ монда, ба муқобили таълимоти машшоён баромада буд. Вале баъдтар, дар натиҷаи омӯхтани асарҳои Ибни Сино, хусусан «Азҳавия»-и ӯ ба машшоён майл кард. Азбаски А. дар таълимоти тасаввуфии худ бепарда сухан ронда, баъзе аҳкоми динро беэътибор шумурдааст, аҳли иртиҷоъ ӯро кофир эълон карда, ба дор кашиданд ва ҷасадашро дар оташ сӯзонданд. А. доир ба соҳаҳои гуногуни илм ба тоҷикию арабӣ «Яздоншинохт», «Тамҳидот», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Мактубот», «Тафсири ҳақоиқи Қуръон», «Шарҳи калимоти қассори Бобо Тоҳир» ва як силсила таълифоти дигаре дорад. А. ба воситаи асарҳои худ афкори оппозиционии аҳли тасаввуфро нисбат ба исломи расмӣ хеле инкишоф дод. Аз А. рубоиёти зиёде низ боқӣ мондааст, ки масъалаҳои ишқ ва ақоиди муаллифро дарбар гирифтаанд.

Ад.: Богоутдинов А. М., Очерки по истории таджикской философии, Д., 1961; Бертельс Е. Э., Суфизм и суфийская литература, М., 1965.
عبدالرحمن جامی، نفحات الانس، تهران، ۱۳۳۴ ه. ش.
رحیم فرمنش، احوال و آثار عین القضات، تهران، ۱۳۳۸ ه. ش.

А. Афсаҳзод, И. Умаров.

АЙНӢ (тахал. аз с. 1896) Садриддин Саидмуродзода (15.4.1878, деҳаи Соктареи тумани Ғиҷдувони аморати Бухоро — 15.7.1954, Сталинобод), сардафтари адабиёти советии тоҷик ва яке аз асосгузорони адабиёти советии ӯзбек. Аз хонадони деҳқони меҳнаткаш. Ташаккули шахсияти А. аз кӯдакиаш то арафаи революцияи с. 1905-и Россия дар «Ёддоштҳо» (қ.-ҳои 1—4) тасвир ёфтааст. Муҳити аҳли меҳнат, ки А. аз бачагӣ ба он хӯ гирифта буд, шунидани таронаю қиссаҳои халқӣ меҳри

эҷодиёти даҳанакии халқро дар дили ӯ ҷо кард. Дар тарбияи завқи бадеии нависанда Тӯта-пошшои афсонагӯй, панду ҳикматҳои падари саводноку озодфикр, ки А. аввалин таълими шеърро аз вай гирифтааст, нақши муҳим дошт. Меҳри илм ва рағбати тамом ба эҷоди адабӣ низ ба А. аз падараш мерос мондааст. Падару модараш с. 1890 дар вабои умумӣ вафот карданд. А. ба Бухоро омад, дар муҳити маҳфили Шарифҷон-махдуми Садри Зиё майлу ҳаваси ӯ ба илму адаб зиёдтар шуд. Вай аз ибтидои с-ҳои 90 дар мадрасаҳои мухталифи Бухоро роҳи мураккаби зиндагиро тай кард. Дар шаҳр ба туфайли шиносой бо табақаҳои меҳнатӣ, махсусан ҳунармандон, ки ҳисси эътирози иҷтимоӣ дар дили онҳо нисбатан қавитар буд. А.-и ҷавон на фақат илми динӣ меомӯхт, балки инчунин ба мероси адабӣ ва илмию фалсафии классикӣ роҳ ёфта, барои дарки ғояҳои нав, ки дар ҷомеаи а-ҳои 19—20 ба вуҷуд омада буданд, қалбан омода мешуд. Бинобар он, с. 1900, ки ҳамроҳи дӯсташ Ҳайрат аз «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш нусха мебардошт, бо таъсири бузурги ин асар дар ӯ «инқилоби фикрӣ» рӯй дод. Баъди ин нависанда ба ғояҳои маорифпарварӣ наздик шуда, инчунин аз таъсири инқилобангези маданияти пешқадами рус баҳравар шудааст. Муҳити маҳдуди Бухоро, ки аз муборизаи пролетарҳои Россия барканор буд, ба А. имкон надод, ки аз ҳаракати социал-демократӣ бохабар гардад. Кӯшиши ба муроди халқ фаъолтар амал кардан А.-ро ба ягона ҷунбиши оппозициони Бухорои он солҳо — ҷамъияти ҷадидҳо овард. Ҷадидҳо масъалаи як дараҷаи ислоҳ кардани тарзи идораи аморати Бухоро ва ташкили мактабҳои усули ҷадидро пеш гузошта буданд. Ин давра барои А. солҳои ҷустуҷӯи амалиёти фаъолтари маорифпарварӣ буд. Ӯ дар мактабҳои пинҳонии усули ҷадид дарс медод, китобҳои дарсӣ таҳия мекард («Таҳзиб-ус-сибьён», 1909) ва ба ташкилоти махфии *«Тарбияи атфол»* иштирок дошт. Баъдтар мақолаву шеърҳояшро дар нахустин матбуоти даврии тоҷикӣ: *«Бухорои шариф»*, *«Ойина»* ва ғ. чоп карда, ғояҳои маорифпарвариро таблиғ намуд (шеърҳои «Нидо ба ҷавонон», 1914; «Заминро нафурӯшед», 1916) ва повести «Хонадони хушбахт»-ро, ки дорои хусусиятҳои реализми маорифпарварӣ мебошад (нашри 2-юми «Таҳзиб-ус-сибьён», 1917), дар шакли мукотиба ба вуҷуд овард.

Таъқиботи ҳукуматдорони амирӣ А.-ро водор кард, ки дар зарфи с-ҳои 1915—16 Бухороро тарк кунад: дар ин муддат вай дар Қизилтеппа ба хидмати заводи пахта даромада, барои мушоҳидаи ҳаёти коргарон имкон пайдо кард. С. 1917 баъди Рев. Февраль, ҳукуматдорони амирӣ бо тӯҳмати иштирок дар намоиши ҷадидҳо А.-ро дастгир карда, 75 чӯб заданд ва ба зиндон партофтанд. Бо ёрии аскарони инқилобии рус, ки бо роҳи Самарқанд аз фронт бармегаштанд, А. аз зиндон озод ва барои табобат ба шифохонаи Когон супурда шуд. Ӯ дар Когон бори аввал суруди «Интернационал»-ро шунид, ки дар маросими дафни яке аз дӯстони аз чӯби амир ҷондодааш суруда буданд. Ҳамаи ин дар шуури А. нақши амиқе гузошта ва чун сиҳат ёфта ба Самарқанд (ки большевикҳо дар Совети депутатҳои коргару солдатҳои он ҷо нуфузе доштанд) омад, тайёр буд, ки аз «мактаби Октябрь» дарс гирад. Амир аз озори А. даст накашид: марти 1918 бародари хурди ӯ — Сироҷиддинро ба қатл расонд. А. маҷбур шуд, ки аз 22 апр. то 22 окт. 1918 аз таъқиби одамони амир дар Тошкент пинҳон шавад. Бо таъсири большевикони Самарқанду Тошкент дар муҳофизати Рев. Соц. Октябрь устувор исторда, бо ғояҳои интернационализми пролетарӣ мусаллаҳ шуд ва моҳияти зиддихалқии *ҷадидизмро* дарьёфта, худро аз он дур кашид. Чунон ки баъдтар навишта буд, партия ӯро «аз ботлоқи ҷадидизм» наҷот дод. А. ба фаъолияти инқилобӣ камар баст: вай аввалин агитатори намоёни советӣ, журналист ва педагоги советии тоҷик гардид. Дар айни замон назми советии тоҷикро, ки дар оташи революция тавлид шуда буд, сар кард. Ибтидои ин аз «Марши ҳуррият» (1918, ба ҳавои *«Марсельеза»*) ва «Ба шарафи Инқилоби Октябрь» буд, ки ғояи «Интернационал»—дар харобаҳои дуньёи кӯҳна олами наве ба вуҷуд оварданро ифода мекард. Марсияи «Ба муносибати кушта шудани бародарам» ҳамчун даъват барои сарнагун кардани сохти амирӣ, ба инқилоби халқии Бухоро садо медод.

А. с-ҳои 1919—21 ходими нахустин маҷаллаи советии тоҷик *«Шӯъалаи инқилоб»* буд ва мақолаҳои ӯ ба публицистикаи тоҷик асос гузоштанд. С. 1920 дар инқилоби халқии Бухоро иштирок дошт; мақолаю хитобаҳояш ба сарнагун кардани аморат даъват мекарданд. А. вазифаҳои амалӣ ҳам дошт: с-ҳои 1921—25 дар намояндагии *Республикаи Халқии Советии Бухоро* дар Самарқанд, аз с. 1925 дар идораи Нашриёти давлатии Тоҷикистон (дар Самарқанд) кор мекард. Дар роҳи тарбияи насли нави адибони тоҷик корҳои муҳимме сар карда, ҳамроҳи онҳо ҳақиқати большевикиро дар қолаби каломи бадеъ дастраси омма мегардонид. Дар повести «Ҷаллодони Бухоро» (1920) ба василаси ҳаҷви буррои иҷтимоӣ тартиботи кӯҳнаи феодалии Бухороро фош ва маҳкум намуд. Дар повести «Одина» (1924) маҳорати адиби маишатнигор бо сабки соддаю шеваи реалистӣ зоҳир шудааст. Ин повесть, романҳои «Дохунда» (1930) ва «Ғуломон» (1934) якҷоя асари сегона — трилогияи хосса мебошанд, ки тасвири эпикию ҳарҷонибаи ҳаёту муборизаи халқи тоҷикро дар зарфи бештар аз сад сол дарбар гирифтаанд. Воқеаи романи «Ғуломон» аз давраи тираю тори ғуломфурӯшии ибтидои а. 19 сар шуда, бо тасвири нахустин ғалабаҳои меҳнатии колхозчиёни пахтакори тоҷик дар с. 1933 ба поён мерасад. Ин асар аз эпизодҳо, иштироккунандагон ва ҷузъиёти маишии бисьёре саршор аст, аз байни ин ҳама гуногунрангӣ чунин маънӣ ба мушоҳида мерасад, ки ғуломони собиқ на фақат озодӣ ёфтанд, инчунин соҳиби ҳама чиз шуданд. Ҳаёт дар ин роман дар тағайюру таҷаддуди ҳамешагии сеҷиҳата: воқеияти ғазашта, воқеияти инкишофноки ҳозира ва воқеияти намоён шудаистодаи оянда тасвир ёфтааст, ки М. Горький маҳз ҳаминро муҳимтарин хусусияти реализми социалистӣ мешуморид. Нафрат аз ғуломдорӣ ва имони комил ба озодӣ аз ҳар сатри ин роман ҳувайдост. Ҷӯшу хурӯши ҷангҳои инқилобӣ дар дили нависанда хомӯш нашудааст ва ин чиз ба романе, ки зоҳиран бо услуби эпикии батаанӣ таълиф ёфтааст, як навъ мутантании хоссе ато кардааст.

«Ғуломон» панҷ қисм дорад. Ҳар қисм як давраи муайяни таърихи халқи тоҷик, балки гардише дар таърихи халқ аст: 1) а. 19 ва аз нимаи дуюми он пайдо шудани заминаи инқилобӣ дар аморати Бухоро, баъди ба ҳайати Россия даромадани Осиёи Миёна; 2) ибтидои а. 20, ба вуҷуд омадани вазъияти инқилобӣ дар Осиёи Миёна ба муносибати бевосита наздик расидани революция дар Россия; 3) с-ҳои 1917—20, ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь ва тайёр шудани революцияи халқӣ дар Бухоро; 4) 1920—25, ғалабаи революцияи халқии Бухоро ва ибтидои давраи гузариш ба сохтмони социалистӣ; 5) 1925—30 маҳдуд кардан ва ҳамчун синф барҳам задани кулакҳо дар асоси коллективонидани саросар; тағьироти революционӣ дар деҳот.

А. характерҳои типиро дар шароити типӣ тасвир мекунад. Ҷиҳати умумии ҳамаи персонажҳои табақаи иртиҷоӣ аз хислатҳои инсонӣ дур будани онҳост. А. бо қудрати қалами худ ба исбот расондааст, ки душман сазовори унвони олии Инсон нест. Душман пастфитрат ва бинобар ин ҳам боиси бадбинию нафрат аст. Бе истисно тамоми персонажҳои ин табақа, аз рӯҳонии золиму ташнаи хун Қиличхалифа то кулакдухтар Кутбия, ки аз музаффарияти сохти колхозӣ дарун-дарун месӯзад, сазовори нафратанд. А. се насли истис-

А. М. Горький ва С. Айнӣ дар съезди якуми нависандагони СССР с. 1934.

моргаронро, баъзан дар дохили як хонадон, тасвир мекунад. Ин табақа ба аҳли меҳнат, мардуми ҳалолу покиза — қаҳрамонони мусбати роман мукобил гузошта шудаанд. Ин ҷо низ дар як маврид се насл: бобо, падар ва писар — дар дохили як оила нишон дода шудаанд. Инҳо Нецадами ғулом, писараш Эргаши чорьяккор ва набераш Ҳасани колхозчию комсомол мебошанд. Эргаш образи марказист. Ин образи падари большевик аст. Дар паҳлӯи Эргаш образи модари тоҷик — Муҳаббат меистад.

Пайдо шудани «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон»-и А. тантанаи принципҳои реализми социалистӣ дар адабиёти тоҷик буд. Ҷиҳати хоссаи ин се асар дар тасвири ҳаққонии рушду камоли қаҳрамонони мухталифтабиат зоҳир мешавад: Одинаи ятим ва бекас дар симои Едгору Гулнор, Эргашу Муҳаббат ва г. то ба дарачаи муборизи ҷасуру бинокори социализм тараққӣ кардаанд. Дар асарҳои А. қаҳрамони типи нав — худи халқи меҳнатӣ ба майдон баромадааст.

А. дар с-ҳои 30 ғайр аз «Ғуломон» повести «Аҳмади девбанд» (1928), очерки «Колхози «Коммунизм» (1934), ҳикояи «Мактаби кӯҳна» (1936), очерки «Ҷашни таърихӣ» (1936) ва «Тирози ҷаҳон» (1939)-ро ба табъ расонд, ба жанрҳои асосии наср асос гузошт ва инчунин маҷмӯаи шеърҳои «Едгорӣ» (1935) ва достони қаҳрамонии «Ҷанги одаму об» (1940)-ро доир ба иншооти обёрии Вахш дастраси хонандагон кард. Дар ин давра низ эҷодиёти А. ба оинаи навбуньёд нигаронда шуда буд. Навниҳолоти коммунизм, болоравии шуури одамони нави совети диққати нависандаро ҷалб мекарданд. Дар айни замон ӯ ба принципи таърихияти содиқ монда, ба гузаштаи тира рӯ меоварад, то ки ҳусну шукӯҳ ва бузургии воқеиятҳои советиро дар муқоиса равшантар нишон дода тавонад.

Дар повести «Марги судхӯр» (1939, таҳрири нав 1953) образи марди хасис бо таҳлили амиқи психологие кушода шудааст. Марги Қорӣ Ишкамба, ки баробари ғалабаи Октябрь ва дар натиҷаи аз даст рафтани нақдинааш рӯй дод, гӯё рамзест, ки аз заволи тартиботи феодалии Бухоро дарак медиҳад. Типи хасисе, ки А. офаридааст, бо ҳама ҳаҷвию карикатурӣ буданаш, бо тамоми зуҳуроташ комилан реалистист. Бинобар он образи муҷаррад нест, балки шахси зиндаи воқеист: ӯ хасис асту дурӯя, рӯйнатан асту тарсу, манфур асту хандасор, илова бар ин ҳам сангдилу ҳам пурхӯр аст. Қудрати ҳаҷви иҷтимоӣ ба А. имкон додааст, ки Қорӣ Ишкамба барин образи пургунҷоиши умумиятёфтаи ҳарисеро офарад, ки дар байни образҳои пулпарастони адабиёти ҷаҳон мақоми устувор ишғол кардааст. Дар нафси Қорӣ Ишкамба лаимию ифлосии Плюшкини Гоголь ва дурӯягии Головлёви Щедрин ба ҳам омадааст. Гобсеки Бальзак дар шароити сохти капиталистӣ аз он сабаб даҳшатовар буд, ки бандаи ҳалқабаргӯш ва дар айни ҳол ҳокими зар буд. Аммо Қорӣ Ишкамба сазовори нафрат аст, зеро заволи ӯ бар капитализм ғалаба кардани социализмро таҷассум мекунад. А. ҳангоми тасвири дуньёи кӯҳна бо қувваи истеҳзову тамасхур ин марди ҳарисро пеш аз он ки ҷисман бимирад, «кушта» буд.

Дар с-ҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) мақсади эҷодиёти ӯ ба ғалаба рӯҳбаланд кардани халқ буд. Як силсила мақолаҳои публицистӣ навишта, ғалабаро бо «Қасидаи ҷанг ва зафар» пешвоз гирифт. Вале асари муҳимми ӯ дар ин давра ду очерки таърихист: яке «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» (1944), ки достони муҳофизати Хуҷанд аз ҳуҷуми урдуи Чингиз аст. Қудрати ин қиссаи таърихӣ дар он аст, ки хонандаро ба воқеаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мутаваҷҷеҳ мекард. Корномаи Темурмалики баҳодур қаҳрамонии ҷанговарони тоҷик, хусусан Тешабой Одилов — ҳимоятгари Ленинградро ба хотир оварда буд. Асари дигари А.— «Исьёни Муқаннаъ» (1944) низ ба ин қиёс аст. Шӯриши халқии зидди ғосибони аҷнабии а. 8, ки дар очерк тадқиққорона тасвир гардидааст, аз тарафи хонанда ҳамчун ифшои ҷангҷӯёни гитлерӣ дарк шуда, дар дили халқ — ҳам дар ақибгоҳу ҳам дар фронт хурӯши корнамоиро бедор мекард.

А. аз с. 1948 то охири ҳаёташ ба таълифи эпопеяи тарҷумаиҳолии «Еддоштҳо» машғул буд (қисмҳои 1—4, 1949—54; ду қисми аввалаш с. 1950 сазовори Мукофоти давлатии СССР гардид). Дар асар маишат, хулқу атвор ва ҳаёти иҷтимоии тамоми табақаҳои ҷамъиятии Бухорои ҳудуди а-ҳои 19—20 тасвир ёфтааст. Хусусан симои нахустин маорифпарварони тоҷик бо сарварии Аҳмади Дониш, ки дар роҳи маърифат ва озодӣ саъй доштанд, барҷаста зоҳир гардидааст (хусусан образи Мулло Амон ҷолиби диққат аст). Чӣ тавр ба камол расидани қувваи эътироз дар ибтидои а. 20, арафаи революцияи с-ҳои 1905—07, роли ғояҳои русӣ, ки дар аморат паҳн мегардид, дар китоб возеҳ инъикос ёфтааст. «Еддоштҳо» аз чандин силсила ҳикояҳои мӯҷаз фароҳам омада ва ҳар кадоми ин ҳикояҳоро як навъи махсуси шеъри мансур метавон хонд. Ба сабки эҷодии А. он чиз хос аст, ки агарчи дар «Еддоштҳо» бисьёр ҷиҳатҳои тираи воқеияти Бухорои кӯҳнаро ба қалам гирифтааст, тасвири он даҳшатҳо дар замири хонанда эҳсоси навмедӣ барнамеангезад, балки болоравии рӯҳи халқ, азми ӯ ба муборизе, маҳкуми фано будани зулми иҷтимоӣ пай бурда мешавад. Тасвирҳои ҳаҷвии ҳукуматдорони кӯҳна, ки А. онҳоро бо ханда «кушта аст», низ ба ин мусоидат кардаанд.

Забони шеваи А., ки пур аз таъбирҳои гуфтугӯии халқист, асоси забони адабии миллии ҳозираи тоҷик қарор ёфт. Ҷанбаи миллию байналмилалӣ дар эҷодиёти А. ҳам дар мундариҷаю ҳам дар шакл узвии

М. Турсунзода, А. Фадеев, С. Айнӣ, Л. Арагон, И. Эренбург дар рӯзҳои даҳаи адабиёти тоҷик дар Москва с. 1949.

С. Айнӣ ва Е. Н. Павловский дар маҷлиси таъсиси АФ РСС Тоҷикистон, с. 1951.

омехта аст ва ин омезиш дар асоси шуури бадеии интернационалистӣ ба амал омадааст. Ҷиҳатҳои байналмилалӣ на фақат дар лаҳзаҳои махсус зоҳир шудааст (масалан дар жанри роман, ки дар адабиёти тоҷик собиқа надошт), балки дар ҷиҳатҳои миллии осори нависанда низ рух намудааст. Интернационализм аз дидгоҳи миллият ба назар мерасад ва ин амри табиист, зеро хусусиятҳои миллии эҷодиёти А.—хусусияти миллии социалистист, зуҳуроти идеологияи социалистии миллати тоҷик аст. Хусусияти миллии буржуазӣ ба маҳдудият, ба ҷудоии байни халқҳо меорад. Аммо хусусияти миллии социалистӣ ҷиҳатҳои хоси ҳар як халқро нигаҳ дошта, ба ягонагии тамоми халқҳо, ба сӯи ватанпарастии советӣ ҳидоят мекунад. Миллияти осори А.— зуҳуроти воқеии моҳияти байналмилалии эҷодиёти ӯст.

А. инчунин соҳиби як силсила тадқиқоти доир ба таъриху адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ҳам мебошад: «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1920, нашри алоҳида 1923); «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926); очерку рисолаҳои А. оид ба Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Навоӣ, Восифӣ, Бедил ва ғ. ба мактаби дар заминаи методологияи марксистӣ-ленинӣ қарорёфтаи адабиётшиносии тоҷик асос гузошт.

А. доктори илми филология, Ходими Хизматнишондодаи илми РСС Тоҷ., аъзои ҳақиқии АФ РСС Тоҷ., нахустин президенти АФ РСС Тоҷ. буд. А. чанд асари худро ба забони ӯзбекӣ низ навиштааст. Ӯ дар инкишофи илму адаби Ӯзбекистон низ мавқеи ифтихорӣ ишғол кардааст, ки аъзои фахрии АФ РСС Ӯзб. интихоб гардиданаш далели гӯёи ин аст. Таълифоти классикии А. доир ба Бедил чанд моҳ пеш аз фавташ (1954) ба табъ расид. Баъд аз сари А. осори зеринаш аз чоп баромад: «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (1956); «Қайдҳои адабӣ» («Правда», 13. 12. 1954), ки масъалаҳои муҳимми адабиётро дарбар гирифтаанд; бисьёр шеърҳояш, «Куллиёт»-и тоҷикӣ ва мунтахаботи шашҷилдаи ӯзбекӣ ва русӣ.

Тамоми эҷодиёти А., фаъолият ва васиятҳои ӯ, ки дар осори илмию адабиаш боқист, ба тарбияи наслҳои адибони советӣ, пеш аз ҳама адибони тоҷик равона шудааст. Номи А. дар конференцияи II нависандагони Осиёву Африка (Қоҳира, февр. 1962) дар қатори бузургтарин адибони Шарқи имрӯза — Робиндранат Такур, Таҳо Ҳусайн, Лу Синь ёдоварӣ шуд.

Ин эътирофи ҳақиқии қудрати нависандагии А. буд, ки пеш аз ҳама концепцияи гуманистии шахсият, махсусияти одамшиносии бадеӣ, ки ба асарҳои ӯ хос мебошад, дар назар дошта шудааст. Ифодаи паҳлуҳои гуногуни шахсият дар осори А. ба қарори зайл аст: 1) А. дар яке аз аввалин повестьҳояш—«Аҳмади девбанд» (1928) образи ҷавони ҷасуреро офарида буд, ки аз дев ҳаросе надорад. Мотиви ш а к к о к ӣ дар бисьёр асарҳои А. ба мавзӯи ҳаҷви тезутунди зиддидинӣ гузаштааст. Корномаи муборизаи бо офатҳо дар достони «Ҷанги одаму об» (1937), ки ба сабки анъанавии ҳамосаҳои паҳлавонӣ таълиф гардидааст, возеҳ ифода ёфтааст. 2) Инсондӯстӣ ва дилсӯзӣ. Ин эҳсосот дар симои чойхоначии «Одина» (1924), боз равшантар дар симои Сорои «Ятим» (1939), вале дар симои Неқадам ва ишқи поку пуразияташ нисбат ба Гулсум («Ғуломон») фоҷиаанҷом ифода шудааст. Ғояи бародарии мардум ва дӯстии халқҳо дар бисьёр асарҳои А. олиҷаноб баён шудааст. 3) Шахсияти сарбаланду озод. Бисьёр қаҳрамонҳои А. соҳиби ин сифатанд: пеш аз давраи советӣ — Ҳабиба ва Мулло Амон («Ёддоштҳо»), дар замони советӣ — хусусан Гулнор («Дохунда»), зани нави Шарқ, ки метавон гуфт тасвираш бо рангҳои ренесансӣ кашида шудааст. 4) Инсони муборизи. Қаҳрамони асосии «Дохунда»—Ёдгор ҳамин навъ шахси муборизи аст. 5) Дилсӯзӣ ба инсони маҳрум аз ҳ у қ у қ и о д а м ӣ. Ифодаи ин ғоя дар «Одина» сурат бастааст. 6) Маҳкуми завол будани сохти кӯҳнаи зиддиинсонӣ («Марги судхӯр») ва 7) Тасвири инсони бинокор — симои ин навъ инсон аз ҳама возеҳтар дар «Ғуломон» ба назар мерасад.

Тамоми осори А. аз ифшои моҳияти зиддиинсонии сохти кӯҳна саршор аст, ки дар боби ҷамъияти кӯҳна ҳукмномаи махсусест. Вале дар байни ин асарҳо повести «Марги судхӯр»-ро ба сифати барҷастатарин асар қайд кардан ҷоиз аст. Намояндаи дуньёи кӯҳнаи пурҷафо дар ин асар дар симои Қорӣ Ишкамба ном шахсе тасвир шудааст, ки ҳама гуна нишони инсониро гум кардааст. Дар ҳамин аст қувваи хоссаи тасвири нависанда. А. инчунин ҳангоми тасвири қаҳрамонони мусбати замони социалистӣ ба тасвири он «паҳлуҳои» инсон муваффақ шудааст, ки адабиёти ҷаҳон дар ҷараёни инкишофи худ тадричан ошкор кардааст: инсони девшикан, инсони бародар, инсони сарбаланду соҳибҳуқуқ, инсони муборизи, инсони ғамхори маълумон, инсони барҳамзани дуньёи кӯҳна ва инсони бинокор.

А. тавонистааст комьёбиҳои бадеии маданияти Шарқу Ғарбро ба таркиби ҳам омезад. Қариб дар тамоми суханрониҳояш оид ба вазифаҳою роҳҳои инкишофи адабиёти тоҷик маслиҳатҳою нишондодҳои А. М. Горькийро санад меовард. Аҳамияти адабиёти русро барои нашъунамои адабиёти советии тоҷик С. Айнӣ дар шеърҳои ба А. С. Пушкин ва В. В. Маяковский бахшидааш ҳам нишон додааст. А., ки дар руҳияи асарҳои классикони адабиёти Шарқ тарбият ёфта буд, ба туфайли нависандагони рус аз чашмаи ҳаётбахши адабиёти пешқадами рус баҳравар гардида, ба ин васила ба сӯи ганҷинаи маънавии Ғарб — маданияти аврупой роҳ ёфт. Ин ҷо процесси узвӣ омезиш ёфтани унсурҳои «ғарбӣ» бо «шарқии» анъанавӣ аз ҳама муҳимтар аст. Ин ҷиҳат дар шакли бадеӣ, пеш аз ҳама дар эҷоди романи реалистӣ, ки барои адабиёти тоҷик комилан жанри нав буд, ифода шудааст, ки ин худ самараи таъсири равияи адабию бадеии «ғарбии» маданияти рус буда, дар «Мактаби Октябрь» дарк шуда ва ба воситаи методи реализми социалистӣ такомул ёфтааст. Дар романҳои А. анъанаи «шарқии» насри классикӣ: бо наср омехта овардани шеър, ба кор бурдани усули нақли «мусалсал»-и ҳикоёт ва унсурҳои насри «чорчӯбадор» ва ғ. низ инъикос гардидааст. Чунин аст зуҳуроти таркиби ғарбию шарқӣ дар шакли бадеии эҷодиёти А.

Вале самараи ин омезиш (синтез) дар концепцияи бадеии инсон ва дар воситаҳои адабии тасвири он боз ҳам барҷастатар намудор гардидааст. Анъанаи «шарқии» тасвири романтиконаи қаҳрамонҳои мусбат ва «азалан» соддаю ахлоқан пок будан бо анъанаи «ғарбӣ» (барои А.— анъанаи русӣ)-и тасвири реалистии ҳолатҳои рӯҳӣ, диққат додан ба шахсияти одамони алоҳида ва соҳибҳуқуқию эҳсоси қадру шаъни худ узвӣ ба ҳам омадааст. Дар айни замон, дар асарҳои А. ҳамчун нависандаи советӣ, ин шахсият шахсияти фардии канорачӯ нест, балки бо тамоми вуҷудаш бо коллективи муборизони зидди зулм (дар ҷамъияти кӯҳна) ва муборизони барпокунандаи ҳаёти нав (дар замони социализм) пайваст мебошад. Ҳабибаю Мулло Амон дар «Ёддоштҳо» ва Эргаш дар «Ғуломон» — намунаи барҷастаи чунин тасвири «таркибии» («синтезии») характерҳоанд. Ба ҳа-

мак онҳо як хислати умумӣ: дар роҳи аҳду вафо фидокорона пойдор будан хос аст, ки васфаш дар адабиёти классикии Шарқ бисьёр дучор меояд. Ҳабиба дар роҳи ишқи пок вафодор, Мулло Амон дар роҳи масалак устувор, Эргаш дар роҳи инқилоб пойдор мебошад. А. аз муболиға худдорӣ карда, қаҳрамононашро ҳаққонӣ, вале дар рӯҳи беҳтарин анъанаҳои Ҳофиз шоирона ва бо ҳарорат тасвир кардааст. Вале тасвири ҷаҳони ботин, диалектикаи рӯҳ, ки дар камоли маҳорат ва устодона адо шудааст, дар эҷоди бадеии А. пеш гирифта шудани сабки Горькийро нишон медиҳад.

Амиқ фаро гирифтани мероси адабии Шарқ, ки дар асоси ҷаҳонбинии интернационалистии коммунистӣ аз нав дарк шуда, бо таҷрибаи бадеии маданияти Ғарб (дар айни замон, маданияти рус) афзун гардидааст, ба нависанда имкон дод, ки асарҳои оламшумули реализми социалистиро офарад. Ин асарҳо таркиби (синтези) ғарбию шарқиро таҷассум намуда, дар маҳзани адабиёти ҷаҳон мавқеи устувор пайдо кардаанд.

Рӯҳи партиявӣ ба тамоми эҷодиёти А. хос аст. Вақте ки ӯ образи одамони нав ҳақиқӣ, образи коммунистони пешқадамро тасвир мекунад, низ ҳамин рӯҳ ба таври возеҳ ҷилвагар мешавад. Образи коммунистони обутобьёфта Эргаш, Сафаргулом, Муҳаббат, тасвири комсомолкаи дилрабо Фотима дар романи «Ғуломон» аз ҳамин қабиланд. Ҳамаи инҳо дар инкишофу пешрафт, дар муборизаю меҳнат тасвир шуда, ҳама сифатҳои олиҷаноби коммунистиро дороянд — онҳо на ба хотири саодатмандии худ, балки барои мардум, ба хотири саодати халқ зиндаги мекунанд. Эргаш, ки маҳбусони бегуноҳро аз банд раҳо мекунад, Сафаргулом, ки дар муборизаи зидди босмачиён ҷонашро дареғ намедорад. Фотима, ки бо ҳама ҷавониаш дар роҳи ҳосили баланд рӯёндани колхоз ҷаҳд дорад — ҳама, бо вуҷуди фардияти ҳосашон, одамоне мебошанд, ки аз як ҷавҳаранд. Қатъият, саминимят, дар муомила бо омми меҳнаткаш оддӣ будан, ақли расо ва продаи мустаҳками ҳар кадоми ин қаҳрамонҳо ҳақиқати ҳаётиро басо эътимоднок зоҳир кардааст ва онҳо ба дӯстони сарталабу некхоҳи мо табдил ёфтаанд.

А. дар асарҳояш, хусусан дар «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», чунон ки ба каме аз нависандагон муяссар шудааст, ба офаридани образи чомеи халқ муваффақ гардидааст ва зуҳуроти гуногуни ин образ ситамдидагию ҷафокашиаш, дар натиҷаи революция таҷаддуд ёфтани симояш, ба халқи қаҳрамон мубаддал гаштанашро нишон додааст.

А. образи ҷомеи халқро тасвир карда, дӯстии халқҳо, роли одамони

Мақбараи С. Айнӣ дар Душанбе.

пешқадами русро дар озод гардидани халқҳои Осиёи Миёна хеле возеҳ нишон додааст.

Инчунин ҷовидонӣ ва соҳиби рӯҳи начиб будани халқ, ҷидду ҷаҳди ӯ дар роҳи саодати коммунистӣ дар асарҳои А. барҷаста ифода шудааст ва ин яке аз муҳимтарин зуҳуроти партиявияти эҷодиёти ӯ мебошад. Ба туфайли ҳамин, А. дар асоси принципҳои реализми социалистӣ маҳорати бадеӣ касб карда, ба воситаи образи қаҳрамонҳои асарҳояш ҳақиқати ҳаётро дар гузашта, ҳозира ва оянда ошкор сохтааст.

Эҷодиёти А. дар тарбияи одами нав, аз ҷумла нависандаи нави замони ҳозира — пеш аз ҳама дар кишварҳои Шарқ — ба аҳамияти бузурге молик аст.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 80—81.

Ос.: Куллиёт, ҷ. 1—7, 9—12, Д., 1958—76.

Ад.: Ҳошим Р., Пире, ки ҷавон шудааст, Л., 1937; Раджабов З. Ш., Садриддин Айни — историк таджикского народа, Сталинабад, 1951; Табаров С., Садриддин Айнӣ — асосгузори адабиёти советии тоҷик, Сталинобод, 1954; Очерки таъриҳи адабиёти советии тоҷик, к. 2, Сталинобод, 1957; Маниёзов А., Публицистика ва назми устод С. Айнӣ (1918—21), Сталинобод, 1958; Маъсумӣ Н., Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1959; Сайфуллоев А., Образи қаҳрамонии мусбати муборизи дар романҳои устод Садриддин Айнӣ, Сталинобод, 1960; Ҳамон муаллиф, Романи устод Садриддин Айнӣ «Дохунда», Д., 1966; Азизқулов Ҷ. ва Муллоҷонова З., Феҳристи асарҳои С. Айни ва адабиёти оид ба ӯ (то охири соли 1961), Д., 1963; Ҳалимов С. С. Айнӣ — лексикограф, Д., 1964; Ниязов Х. Н., Путь Садриддина Айни — поэта, М., 1965; Шукуров М., Хусусиятҳои поэзияи бадеии «Ёдоштҳо»-и устод С. Айнӣ, Д., 1966; Брагинский И. С., Ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ, Д., 1968; Ҳамон муаллиф. Проблемы творчества Садриддина Айни, Д., 1974. *И. Брагинский.*

АЙНӢ (1930—1955 — Заҳматобод), ноҳия дар вил. Ленинобод РСС Тоҷ., дар қисми болоии д. Зарафшон. 23.11.1930 ташкил ёфта, 26.1.1955 номи Айниро гирифт. 4.1.1963 ба ноҳияи Панҷакент дохил шуд. Аз 6.1.1965—ноҳияи мустақил. Аз маркази ноҳия то ш. Ленинобод 177 км, то ш. Душанбе 165 км, то ст. р. о. Самарқанд 165 км. Масоҳ. 5,2 ҳаз. км². Аҳол. 41,1 ҳаз. наф. (1976). Аҳолии ноҳия асосан тоҷикон буда, инчунин русҳо ва намояндагони милливатҳои диг. зиндагӣ мекунанд. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 7,9 кас. А. дорои 7 С. ҚҚ.: Айнӣ, Анзоб, Дардар, Раръ, Урметан, Фондарьё, Шамтуч ва як пту — Зарафшон мебошад. Маркази ноҳия — пос. Айнӣ.

А. ноҳияи кӯҳӣ буда, сатҳаш хеле ноҳамвор аст. Территорияи онро аз Ш. ба Ғ. қ-кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор бурида мегузаранд. Теғаҳои кӯҳ аз с. б. 3500—4000 м, қуллаҳои алоҳида то 5000 м ва аз он ҳам баландтаранд (Чимтарга, 5494 м). Нуқтаи пасттарин (дар ғарбтари деҳаи Урметан) 950 м. Водии дарьёҳо танг ва чуқуранд. Деҳаҳои калон ва заминҳои корам асосан дар водиҳо, суфаҳои қадими д-ҳои Зарафшон ва Фон ҷойгиранд. Иқлими ноҳия континентӣ, тобистони водиҳои Зарафшону Фон гарму хушк, зимистон мӯътадил. Дар водиҳо ҳарор. миёнаи июль 17, 21° С, янв. —1, —3° С. Дар кӯҳҳо тобистон салқин ва нисбатан кӯтоҳ (ҳарор. миёнаи июль 15—18° С), зимистон хунук (ҳарор. миёнаи янв. —7, —13° С); миқдори боришоти солона дар водиҳо 160—190 мм, дар кӯҳҳо аз 230—350 мм то 400 мм. Дар терр. А. хелҳои гуногуни хоки хокистарранг, дар баландкӯҳҳо хоки ҷигарранг вомехӯрад. Набототи водиҳою адирҳо (то 1500 м) хусусияти биёбонӣ ва нимбиёбонӣ дорад. Дар боғу роғ дарахтони тут, зардолу, себу олуболу, беду сафедор, ток ва ғ. меруянд. Болотар аз он — дар доманаи кӯҳҳо растаниҳои даштӣ, арча ва дар баландкӯҳҳо марғзорҳои альпӣ вомехӯранд. Олами ҳайвонот гуногун, дар кӯҳҳо харгӯшу суғур, хирсу гург, рӯбоҳ, гуроз, оҳу; аз парандаҳо — кабк, мурғи ҳилол, кабӯтар, уқоб, боз ва ғ. дучор мешаванд. А. сероб аст, д-ҳои калонаш Фон ва Зарафшон. Аз кӯҳҳо дарьёчаҳои бисьёре ҷоранд, ки як қисми онҳо барои обьёрии заминҳои корам истифода мешаванд. Дар ҳудуди А. яке аз кӯлҳои заботарини СССР—Искандаркӯл воқеъ буда, ҷои сайру тамошои туристон гардидааст. А. конҳои сурма, симоб, ангишт дорад.

А.—ноҳияи зироаткор ва ҷорводор. Дар А. 7 колхоз ҳаст (1977). Колхозҳо ва маркази онҳо: ба номи Свердлов (пос. Айнӣ), ба номи Энгельс (деҳаи Раръ), «Ӯзбекистон» (деҳаи Урметан), «Тоҷикистон» (деҳаи Шамтуч), ба номи Лоҳутӣ (деҳаи Шӯр-

машқ), «Россия» (деҳаи Такфон), ба номи Орҷоникидзе (деҳаи Анзоб). Соҳаҳои муҳими хоҷагӣ — тамокукорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ, кирмакдорӣ, боғдорӣ. Тамоми заминҳои х. қ. 91540 га (1976), аз ҷумла майдони кишти ғалла (асосан гандум, ҷав) 1841 га, тамоку — 638 га, боғ — 340 га, чарогоҳ — 84351 га. А. с. 1976 ба давлат 1276 ц ғалла, 304 ц пилла, 2017 т тамоку, 1198 т гӯшт, 2858 т шир, 1264 ц пашм ва маҳсулоти диг. х. қ. фурӯхт. Шумораи ҳайвонот дар ҳамаи хоҷагиҳо (1976): чорвои калони шохдор 20474 сар, гӯсфанду буз — 55059 сар. Истеҳсоли маъдани кӯҳӣ низ соҳаи муҳими хоҷагии район мебошад. Корхонаи калони саноатӣ — комб. маъдантозакунии Анзоб.

Соли хониши 1976/77 А. 24 мактаби миёна, 18 мактаби ҳаштсола ва 5 мактаби ибтидоӣ, як мактаби мусиқии бачагона дошт. Дар р-ни А. 10 кинотеатр, 9 нуқтаи кинонамоишдиҳӣ, 34 клуб, 70 китобхона, 13 чойхона-қироатхона, хонаи маданият, 4 беморхона, амбулатория, таваллудхона, 2 дорухона, 23 пункти фельдшерӣ-акушерӣ, 116 пункти хизмати маишӣ, 120 нуқтаи савдо, 50 нуқтаи хӯроки умумӣ, идораи сохтмон, ташкилоти сохтмони байниколхозӣ, идораи сохтмону таъмир, хоҷагии ҷангал, матбаа, шӯъбаи районии иттиҳодияи «Тоҷиксельхозтехника» мавҷуд аст. Нақлиёт — автомобилӣ ва ҳавоӣ. Аэропорт дорад. Аз А. роҳи мошингарди Душанбе — Ленинобод, Душанбе — Самарқанд мегузарад. Роҳҳо асосан асфальт. Газетаи район — «Меҳнат».

Х. Очилов.

АЙНӢ (то 1955 Варзиманор), посёлка, маркази маъмурии С. қ. Айнӣ ва р-ни Айнии вил. Ленинобод. Аҳол. 1817 наф. (1976), асосан тоҷикон, инчунин русҳо ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Мактаби миёна, китобхонаю қироатхона, кинотеатр, беморхона, поликлиника, дорухона, комб. хизмати маишӣ, з-ди шир, ошхона ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — тамокукорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз сои Куруд обьёрӣ мешаванд.

АЙНӢ, деҳа дар С. қ. Панҷ, р-ни Қумсангири вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи Ленин. Аз А. то С. қ. 3 км, то маркази район 5 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1438 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, боғчаи бачагон дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо ба воситаи канал аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

АЙНҲО, қавм дар ҷаз. Хоккайдо (Япония). Қариб 20 ҳаз. (1967). Ба забонҳои айнӣ ва японӣ гап мезананд. А., ки то а. 18 дар Камчатка, то аввали а. 20 дар Шимоли Сахалин ва ҷаз-ҳои Курил низ зиндагӣ мекарданд, қисман бо нивхҳо ва *ительменҳо* даромехта, қисми дигарашон ба Япония кӯчиданд. Аҷаб нест, ки аҷдоди онҳо ҳанӯз дар ибтидои давраи неолит ба Япония ҳиҷрат карда, яке аз қадимтарин табақаҳои аҳолиро ташкил дода бошанд. А. аз чиҳати забон ва қиёфа аз японҳо хеле фарқ мекунанд. Ҳоло дар ҷаз. Хоккайдо оҳиста-оҳиста бо японҳо омехта мешаванд.

АЙРАПЕТЯНЦ Эдуард Данилович (21. 12. 1923, Самарқанд — 13. 3. 1971, Душанбе), дирижёри совети РСС Тоҷ. Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. Аъзои КПСС аз с. 1955. А. баъди хатми синфи скрипкаи Омӯзишгоҳи мусиқии Ленинобод (1943) дар шӯъбаи миллии Консерваторияи давлатии Москва (1945—48) таҳсил кард. С. 1963 синфи дирижёрии Консерваторияи Тошкентро ғоибона тамом кард. Аз с. 1963 сардирижёри театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ буд. Таҳти роҳбарии ӯ мусиқии спектакльҳои «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ, «Шӯриши Восеъ»-и С. Баласанян, «Азозил»-и А. Рубинштейн, «Евгений Онегин» ва «Моткаи қарамашшоқ»-и П. Чайковский, «Тоска»-и Ҷ. Пуччини, «Бозгашт»-и Ё. Сабзанов ва ғ. таҳия гардиданд. У, инчунин, дар Омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе ба кори педагогӣ машғул буд. А. бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

АЙРИТОМ (Ҳайратон ҳам меғӯянд), харобаи (димнаи) шаҳри қадимӣ, 18 км шарқтари ш. Тирмиз, дар соҳили рости д. Аму. С. 1932 дар теппаи асосии А. (50 × 30 м) тасодуфан фурӯмони сангӣ (фриз) ёфт шуд. Аз с. 1933 омӯзиши мунтазами он оғоз ёфт. Дар натиҷаи тадқиқот маълум гардид, ки масоҳати А. 3000 × 300 м буда, қад-қади дарьё ба масофаи 2,5 км кашол ёфтааст. С-ҳои 1933—37 экспедицияи археологӣ бо сардории М. Е. Массон 7 фурӯмон ёфт. Дар онҳо духтарон ва ҷавонон акс ёфтаанд, ки қӯшнай, чилтор, уд, табл менавозанд ва дар даст ҳадья, гулчанбар, мева ва зарфҳо доранд. Ин фурӯмонҳо аз рӯи услуб ва амал ба санъати кушонӣ тааллуқ дошта, ба ёдгориҳои а. 1 Ҳиндустони Шимолӣ хеле монанданд ва намунаи барҷастаи санъати қадимии ҳайкалтарошии Осиёи Миёна мебошанд. Дар А. с-ҳои 1963—66 экспедицияи Ин-ти санъатшиносии Ӯзбекистон ҳафриёт гузаронд. А. тахминан 500 сол вуҷуд дошт. Дар ин хусус зарфҳои сафо-

Аракаи Айритом.

лин ва тангаҳои подшоҳони Юнону Бохтар ва Кушон шаҳодат медиҳанд. Дар А. а. 2 то м. бо мақсади мудофиаи шаҳр аз ҳуҷуми душманон истеҳкоми калони похсагӣ сохтаанд. Дар майдони қариб 15 га хонаҳо ёфт шуданд, ки деворҳои ғафсу баланд доранд. Баъзеи онҳо хеле калонанд ва эҳтимол анбори аслиҳа буданд. Чунин хонаҳо дар надоранд. Ба дохили онҳо фақат бо нардбон даромадан мумкин аст. С. 1938 дар А. харобаи ибодатхонаи буддоӣ ёфт шуд, ки ба а-ҳои 1—2 мансуб аст. Ибодатхона аз хонаҳои даруну берун, ҳуҷраҳои роҳибон, ҳайкали Буддо, суфаҳои баланди хиштин иборат аст. Қабристони қадимие мансуб ба охири а. 2 то м. ва ибтидои а. 1 м. низ ёфт шуд. Дар қабре устухони ҷанговар бо яроқу аслиҳа, зарфҳо ва устухони зане пайдо гардид, ки бо либосаш ҳамроҳи ҷанговар дафн шудааст. Қабристони А. барои омӯхтани сохти антропологии аҳолии мо, урфу одатҳои маросими дафн маълумоти қиматбаҳо дод.

АЙРОН, нӯшокиест аз навъи ҷурғот, ташнашикан ва ҳозим. Тариқи тайёр кардани он: шири уштур, қутос, буз ё гӯсфандро дар машк бо сафедӣ (мойиӣ) туршонда, 12—24 соат (баъзан якчанд рӯз) нигоҳ медоранд. А. хӯриши сергизо ва шифобахш буда, 3,2—9% равған, қанд, ферменту витаминҳо, спирт ва ғ. дорад. Бештар дар Сибирь, Кавказ, Осиёи Миёнаю Қазоқистон маъмул аст.

АЙСБЕРГ (англ. iceberg—кӯҳи ях, аслаш скандинавӣ), яхпораҳои азиме, ки дар баҳру уқёнусҳои назди қутбҳои нимкураҳои шим. ва ҷан. шиноварӣ мекунанд ё дар тунукобаҳо банд шуда мемонанд. Сабаби пайдоиши А. аз таъсири бодҳо, фишор ва ҷараёни об, мадду ҷазри баҳр шикаста ба об афтодани канораи пирьяҳҳост. Асосан пирьяҳҳои Антарктида, Гренландия ва ҷазираҳои арктикии Канада манбаи ба вуҷуд омадани А. мебошанд. Баландии А. дар рӯи об ба 70 м (дар Арктика) ва 100 м (дар Антарктика) расида, аз 83 то 90% он дар зери об аст. Дар обҳои Антарктика А., ки 500 м баландӣ ва 85 км тӯл дорад, дида шудааст. А.-ҳо то 40—50° а. ш. ва 45—60° а. ҷ. шиноварӣ карда метавонанд. Барҳӯрдани киштиҳо бо А. боиси ҳалокат мегардад.

АЙТМАТОВ Чингиз (тав. 12. 12. 1928, деҳаи Шакари р-ни Кирови РСС Қирг.), нависандаи советии қирғиз, раиси Комитети давлатии кинематографии РСС Қирг. Нависандаи Халқии Қирғизистон (1968), акад. АФ РСС Қирг. (1974). Аъзои КПСС аз с. 1959. Ба забонҳои қирғизӣ ва русӣ менависад. С. 1953 ин-ти х-к-ро хатм кардааст. Аввалин ҳикояи ӯ «Гаметачӣ Даюдо» дар матбуот с. 1952 чоп шуд. Повести вай «Ҷамила» (1958, нашр. тоҷ. 1961), ки аз ишқу муҳаб-

бат, ҳуқуқи зани қирғиз ба саодати шахсӣ, ба фаъолияти ҷамъиятӣ баҳс мекунад, шӯҳрати калон ёфт. А. барои китоби «Қиссаҳои кӯҳсор ва даштҳо» (1962, нашр. тоҷ. «Роҳи каҳкашон», 1965) лауреати Мукофоти ленинӣ гардид (1963). А. дар повестҳои ин маҷмӯа (хусусан, «Ҷамила», «Муаллими аввалин») ва повести «Алвидоъ, Гулсарӣ» (1966, нашр. тоҷ. с. 1968, Мукофоти давлатии СССР, 1968) худро ҳамчун нависандаи навовар ва устоди портрети психологӣ зоҳир намуд. Дар мадди назари нависанда масъалаи инсон ва ҷамъият меистад. Қаҳрамонони А. рӯҳан пурзӯр, дар ҳаёти иҷтимоӣ фаъол мебошанд. Дар повести «Киштии сафед» (1970) таҷрибаи наслҳо ва анъанаҳои маънавии миллат тасвир ва тавсиф ёфта, арзиши олии идеали ахлоқии халқ таъкид шудааст. Повести «Турнаҳои бармаҳал» с. 1976 чоп шуд. Пьесаи А. ва К. Муҳаммадҷонов «Қуллаи Фудзияма» аз с. 1974 дар Театри академии драмаи Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ намоиш дода мешавад. А. ба процесси инкишофи адабиёти сермиллати советӣ, хусусан ба насри халқҳои Осиёи Миёна таъсири файзбахш дорад. Амиқтар шудани таҳлили психологӣ ва тадқиқи иҷтимоии воқеият, ки зуҳуроти таҳвияти реализми социалистӣ мебошанд, шаҳодати ин аст. А.— депутати Совети Олии СССР (даъвати 7). Бо 2 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат ва медаль мукофотонида шудааст.

Ад.: Чингиз Айтматов. Очерки, статьи и рецензии о творчестве писателя, Фрунзе, 1975. Воронов Вл., Чингиз Айтматов. Очерк творчества, М., 1976.

АЙТОҚОВ Надирбой (1894, нимҷаз. Манқишлоқ—1938), ходими давлатӣ. Аъзои КПСС аз с. 1922. Аз оилаи моҳигир. Аз с. 1920 раиси совети авул, сонитар узви комитети революционии волость, аъзо ва раиси комиҷроияи уезд (1920—22). Вакили Съезди I умуминиттифоқи Советҳо (1922), аъзои КИМ-и Умумиросия ва СССР. Ҷонишини раиси КИМ Туркистон (1923), аз янв. 1924 раиси КИМ-и Туркистон. Аз нояб. 1924, баъди тақсимоти миллию терр. Осиёи Миёна, раиси Комитети революционии РСС Туркм., аз с. 1925 раиси КИМ РСС Туркм. ва ҷонишини раиси КИМ-и СССР.

АЙЮБИЁН, сулолае дар Шарқи Наздик, ки Салоҳуддин с. 1171 баъди шикасти Фотимиён дар Миср асоси онро гузошт. Сулола номи Айюб ибни Шаҳдӣ — падари Салоҳуддинро ба худ гирифт. Шоҳаҳои гуногуни А. а-ҳои 12—13 дар Миср, Сурия (Димишқ, Ҳалаб, Ҳумс), Байнаннаҳрайн ва Арабистони Ҷанубӣ ҳукмронӣ кардаанд. А.-и Миср ташкилотчиёни асосии муборизаи зидди салибдорон буданд. Қувваи гирифтани таъсири сиёсӣ ва ҳарбии *мамлукҳо* ва низоъҳои дохилӣ А.-ро суст карданд. Шоҳаи асосии мисрии А. дар натиҷаи суиқасди мамлукҳо с. 1250 барҳам хӯрд.

АЙЮҚ (лот. Capella), равшантарин ситора дар бурҷи *Мумсикулбинон*. Равшаниаш аз равшаниои Офтоб 34 карат зиёд, масофааш аз Офтоб 14 *парсек*. А. ситораи сеқӯша аст.

АЙЮҚӢ ایوقی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири достонсарои а. 11 форс-тоҷик. Маснавии «Варқа ва Гулшоҳ» ба қалами ӯ тааллуқ дорад, ки аз ишқи ду дилдода баҳс менамояд. Варқа ва писари аммаи ӯ Гулшоҳ аз бачагӣ ба ҳам хӯ гирифта, ошиқи якдигар мешаванд, вале чун аксари қаҳрамонони достонҳои ишқии адабиёти форс-тоҷик ба мақсад нарасида вафот мекунанд. Ин асар аз ҷиҳати ҳусни баён ва балоғати сухан ҷолиби диққат аст. Аз мероси адабии А. чанд қасида, қитъа ва рубоӣ низ боқӣ мондааст.

А. Абдуллоев.

АЙҒИР, ниг. *Нарьён*.

АКАД, Агаде, шаҳри қадим (сонитар вилоят) дар Байнаннаҳрайн, дар назди Сиппар (Абӯҳаббаи ҳозира дар Ироқ). Тақр. 2300 то м. пойтахти давлати бузурги Саргони Қадим. Дертар тамоми вилояти шим. Байнаннаҳрайни Ҷанубӣ А. ном гирифт. Шоҳони Бобулистон худро ҳокими Шумер ва Акад меномиданд. А. ба маркази чорраҳаи савдои обию хушкӣ табдил ёфт. Тахминан с. 2200 то м. А.-ро гутиҳо забт ва хароб карданд. Қисми ноқиси ёдгориҳои санъати А. боқӣ мондааст, ки ба а. 23 то м. мансуб аст.

АКАДЕМИК, дар СССР аъзои ҳақиқии АФ СССР, академияҳои соҳавӣ ва АФ республикаҳои иттифоқӣ. А. дар маҷлиси умумии академия интихоб мешавад. Муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ходимони илмии ҷудогона ҳақ доранд, ки барои А. шудан номзад пешниҳод кунанд. Дар АФ СССР унвонҳои А.-и фахрӣ ва аъзои хоричӣ ва дар АФ республикаҳои иттифоқӣ унвони аъзои фахрӣ вуҷуд дорад. АФ РСС Тоҷ., як нафар А.-и фахрӣ ва 22 нафар А. дорад (1977). Унвони А. дар академияҳои баъзе мамлакатҳои социалистӣ низ вуҷуд дорад.

АКАДЕМИЯ (юн. Akademia, аз номи қаҳрамони афсонавии Академа), 1) мактаби фалсафист, ки тақрибан с. 387 пеш аз м. Афлотун дар наздикии Афина таъсис намуд ва с. 529-уми м. барҳам хӯрд. 2) Номи маъмули муассиса ё ҷамъияти илмӣ (А.-и фанҳо), ки характери комплексӣ ё махсус (дар соҳаи муайяни

дониш) дорад. 3) Баъзе мактабҳои олӣ. 4) Дар хориҷа (мас., дар ШМА) номи баъзе мактабҳои миёнаи хусусӣ, инчунин як қатор муассисаҳои илмӣ. Дар мамлакатҳои Шарқ як қатор муассисаҳои илмӣ вазифаи А.-ро адо мекарданд. Мас., «Байт-ул-ҳикмат» («Хонаи ҳикмат», а. 9) ва *«Низомия»* (а. 12, дар БаҒдод), «Академияи Маъмун» (а. 11, дар Хоразм), маҳфилҳои назди расадхонаи Улуғбек (а. 15) ва ғ. Дар Иттифоқи Советӣ маркази асосии илмии мамлакат *Академияи фанҳои СССР* ба шумор меравад. Ғайр аз ин АФ республикаҳои иттифоқӣ ва соҳавӣ мавҷуданд.

АКАДЕ́МИЯИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГИИ СССР (АИП СССР), муассисаи олии илмие, ки олимони намоёни фанҳои педагогика ва ходимони машҳури маорифи халқро муттаҳид менамояд. Авг. 1966 дар асоси АИП РСФСР, ки он аз с. 1943 вуҷуд дошт, ташкил шуд. А. дар назди Вазорати маорифи халқи СССР буда, дар Москва воқеъ аст. А. 51 аъзои ҳақиқӣ (академикҳо) ва 76 аъзо-корр. (1977) дорад. Аз Тоҷикистон *М. Э. Эркаев* — аъзои ҳақиқӣ ва *И. О. Обидов* аъзо-корр.-и АИП мебошанд. Президенти А.— В. Н. Столетов (аз дек. 1971). Органи олии роҳбарикунандаи А. Маҷлиси умумии аъзоёни он аст, ки соле на камтар аз 2 маротиба баргузор мешавад. Дар байни сессияҳои Маҷлиси умумӣ органи роҳбарикунанда Президиум бо сардории президент ҳисоб мешавад.

А. (1977) 4 шӯъба: назария ва таърихи педагогика; дидактика ва методикаи фардӣ; психология ва физиологияи синнусолӣ; педагогика ва психологияи таълими профессионалию техникӣ; 113 ин-ти тадқиқоти илмӣ: педагогикаи умумӣ; психологияи умумӣ ва педагогӣ; физиологияи бачагон ва наврасон; тарбияи томактабӣ; проблемаҳои умумии тарбия; мазмун ва методҳои таълим; таҷҳизоти мактаб ва воситаҳои техникии таълим; тарбияи бадеӣ; таълими меҳнат ва машғулияти касбу ҳунарӣ; таълими забони русӣ дар мактабҳои миллӣ; маълумоти умумии калонсолон; дефектология, 14 мактаби таҷрибавӣ, 2 мактаб-интернат, китобхона, архиви илмӣ ва диг. муассисаҳо дорад. Китобхонаи маорифи халқ ба номи К. Д. Ушинский с. 1925 ташкил шуд ва дар он зиёда аз 1,5 млн нусха китоб (1970) мавҷуд аст.

Журналҳои «Советская педагогика» (1937), «Вопросы психологии» (1955), «Семья и школа» (1946), «Русский язык в национальной школе» (1957), «Дефектология» (1969) органҳои А. мебошанд.

АКАДЕ́МИЯИ ИЛМҲОИ ТИББИИ СССР (АИТ СССР), муассисаи олии илмии тиббӣ, ки олимони барҷастаи соҳаи тиббро муттаҳид менамояд. Дар Москва июни 1944 таъсис ёфта аст. 113 аъзои ҳақиқӣ, 158 аъзо-корр. ва 26 аъзои хориҷӣ дорад. Аз Тоҷикистон С. Ҳ. *Ҳакимова* аъзо-корр. АИТ интихоб шудааст (аз с. 1969). Дар ҳайати АИТ 3 шӯъба: гигиена, микробиология ва эпидемиология; тибби клиникӣ; илмҳои тиббию биологӣ; 39 муассисаи тадқиқоти илмӣ мавҷуд аст (1 янв. 1976).

Вазифаҳои асосии АИТ коркарди илмии проблемаҳои асосии назария ва амалияи тиб; ташкили тадқиқоти якҷояи муассисаҳои илмии АИТ бо муассисаҳои илмии мамлакатҳои хориҷӣ; тайёр кардани коркунони баландихтисос дар соҳаи илмҳои тиб ва биология мебошад.

Органи олии роҳбарикунандааш— Маҷлиси умумии аъзоёни ҳақиқӣ ва аъзо-корр.-ҳост, ки камаш соле як маротиба даъват карда мешавад. Дар давраи байни сессияҳои Маҷлиси умумӣ ба ҳамаи фаъолияти академия Президиуми АИТ СССР (9 нафар), ки Маҷлиси умумӣ ба муддати 4 сол интихоб менамояд, роҳбарӣ мекунад.

Академия барои асарҳои барҷастаи илмӣ ва кашфиёти тиб 28 мукофот ба номи олимони шӯҳратманд таъсис кардааст. Журналҳои: «Вестник АМН СССР» (аз с. 1946) ва «Бюллетень экспериментальной биологии и медицины»-ро (аз с. 1936) нашр мекунад.

Президентҳои АИТ СССР: с-ҳои 1944—46—Н. Н. Бурденко, 1946—53—Н. Н. Аничков, 1953—60—А. Н. Бакулев, 1960—68 — Н. Н. Блохин, 1968—77—В. Д. Тимаков, аз окт. 1977 Н. Н. Блохин.

АКАДЕ́МИЯИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСИИ НАЗДИ КМ КПСС (АИҶ), мактаби олии партиявӣ, ки 2 авг. 1946 дар Москва ташкил шуда буд. С. 1964 дар назди АИҶ Ин-ти атеизми илмӣ низ таъсис ёфт. АИҶ барои ташкилотҳои партиявӣ, советӣ, матбуот кадрҳои роҳбарикунанда, инчунин муаллимони мактабҳои олӣ ва коркунони илмии соҳаҳои таърихи КПСС, сохтмони партиявӣ, фалсафаи марксистӣ-ленинӣ, коммунизми илмӣ, иқтисоди сиёсӣ, асосҳои роҳбарии илмии иқтисодиёти социалистӣ, таърихи СССР, таърихи ҳаракати коммунистӣ ва байналхалқии коммунистии коргарӣ, назарияву усулҳои кори идеологӣ, назарияи адабиёт ва танқиди адабӣ, назарияи санъат ва атеизми илмӣ тайёр мекунад. Мӯҳлати таҳсил 3 сол аст. Дар охири таҳсил аспирантҳо барои гирифтани унвони номзади илм диссертация ҳимоя мекунанд. Дар АИҶ советҳои махсус мавҷуданд, ки барои ҳимояи унвони илмии доктори илм диссертация қабул мекунанд. АИҶ барои республикаҳои иттифоқӣ ва мамлакатҳои социалистӣ кадрҳои илмӣ, партиявӣ, советӣ ва идеологӣ тайёр мекунад.

АКАДЕ́МИЯИ КОММУНИСТӢ, муассисаи олии таълимӣ ва илмию тадқиқотии оид ба илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносӣ (1918—36). 25 июни 1918 дар Москва бо қарори КИМУ РСФСР таъсис ёфта, Академияи социалистии илмҳои ҷамъиятӣ номида шуд ва 1 окт. 1918 ба кор шурӯъ кард; мувофиқи дастуруламале, ки КИМУ 15 апр. 1919 тасдиқ намуд, Академияи социалистӣ ном гирифт. Ба ҳайати А. к. қариб 100 академик ва чанд аъзо-корр. дохил мешуданд; А. к. ин-тҳои илмии фалсафа, таърих, адабиёт, санъат ва забон, сохтмони советӣ ва ҳуқуқ ва ғ., инчунин ҷамъиятҳои илмӣ ва нашриятҳои худро дошт. Бо қарори СКХ СССР ва КМ ВКП(б) аз 8 февр. 1936 бо мақсади дар як маркази илмии давлатӣ — АФ СССР муттаҳид кардани ходимони илм, А. к. барҳам дода шуд.

АКАДЕ́МИЯИ КОММУНИСТӢ, пирьях дар Помири Ғарбӣ. Яке аз шохаҳои пирьяхи *Федченко*, дар қисми шим. шарқии қ-кӯҳи Академияи Фанҳо, дар баландии 3350 м аз с. б. ҷой гирифтааст. Тӯлаш 6,7 км, масоҳ. 33,5 км². Пирьях дар ҳолати камшавист.

АКАДЕ́МИЯИ РАССОМИИ СССР (АР СССР), муассисаи олии илмӣ, ки ходимони барҷастаи санъати тасвирии советиро муттаҳид намуда, ба тайёр кардани кадрҳои рассомӣ роҳбарии илмию методӣ мекунад. Бо қарори Совети Вазирони СССР аз 5 авг. 1947 дар Москва дар асоси навсозии АР Умумироссиягӣ таъсис ёфт. Ба ҳайати АР СССР (то 1 янв. 1976) 50 аъзои ҳақиқӣ, 80 аъзо-корр., 10 аъзои фахрӣ (аз байни ходимони прогрессивии санъати хориҷӣ) дохил мешаванд. Органи олии АР СССР — маҷлиси умумӣ мебошад. Дар байни сессияҳо ба кори академия Президиум бо сардории президент роҳбарӣ мекунад. Академия шӯъбаҳои рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, графика, санъати ороиш дорад. Ба ҳайати АР СССР инҳо дохил мешаванд: Ин-ти тадқиқоти илмии назария ва таърихи санъати тасвирӣ, Ин-ти бадеии ба номи В. И. Суриков бо мактаби миёнаи бадеӣ (Москва); Ин-ти санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ ва меъмории ба номи И. Е. Репин бо мактаби миёнаи бадеӣ; Музеи тадқиқоти илмӣ; Музей-хонаи И. И. Бродский (Ленинград); Музей-ҳавлии И. Е. Репин («Пенаты», деҳаи Репино); Китобхонаи илмӣ (тақр. 311 ҳазор ҷилд); Архиви илмию библиографӣ ва лабораторияҳо дар Ленинград, устохонаҳои эҷодӣ дар Москва, Ленинград ва Киев. АР СССР бо ордени Ленин мукофотонида шудааст (1975).

Президентҳои АР СССР: с-ҳои 1947—57 — А. М. Герасимов, 1958—62 — Б. В. Иогансон, 1962—68 — В. А. Серов ва аз с. 1968 — Н. В. Томский.

АКАДЕМИЯИ ТАРБИЯИ КОММУНИСТӢ ба номи Н. К. Крупская, мактаби олии педагогӣ (1923—35). Дар асоси Академияи тарбияи ичтимоӣ, ки аз с. 1919 вуҷуд дошт, таъсис ёфт. Ба он коммунистону комсомолоне, ки маълумоти миёна ва таҷрибаи педагогӣ доштанд, қабул мешуданд. АТК барои соҳаҳои гуногуни маориф халқ мутахассис тайёр мекард. Мӯҳлати таълим — 4 сол (2 курси аввал маълумоти умумӣ). Курси 2-солаи ташкили инспекторӣ ҳам дошт, ки ба он шахсони дорои стажи бештар аз 3-солаи партиявӣ ва 5-солаи корҳои роҳбарӣ дар соҳаи маориф қабул мешуданд. С. 1927 дар назди АТК барои такмили ихтисоси коркунони маориф Ин-ти шабонаи педагогӣ таъсис шуд. С. 1934 АТК ба Ленинград кӯчид ва с. 1935 ба Ин-ти коммунистии педагогии ба номи Н. К. Крупская табдил ёфт. С. 1941 бо Ин-ти педагогии Ленинград ба номи А. И. Герцен як шуд.

АКАДЕМИЯИ УМУМИТТИФОҚИИ ИЛМҲОИ ХОҲАГӢИ ҚИШЛОҚӢ ба номи В. И. Ленин (ВАСХНИЛ), муассисаи олии илмии х. қ. ва хоҷагиҳои обу ҷангали СССР. Ба ВХҚ-и СССР тобеъ аст. С. 1929 таъсис ёфтааст. Дар Москва воқеъ аст. Ба ҳайати Академия (1 янв. 1976) 1 акад. фахрӣ, 102 акад., 109 аъзо-корр., 39 аъзои хориҷӣ дохиланд.

Академия мухимтарин масъалаҳои тамоми соҳаҳои илмии х. қ.-ро кор карда мебарояд. Инкишоф додани тадқиқоти назариявии соҳаҳои мухимтарини илмҳои х. қ., дарёфти роҳҳои нави пешрафти техникаи х. қ., такмили усулҳои тадқиқоти илмӣ бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи назарияви ва самараи корҳои тадқиқотӣ, омӯзишу ҷамъбасти муваффақияти илмҳои ҷаҳонӣ, таҷрибаҳои пешқадам ва татбиқи онҳо дар истеҳсолоти к-зу с-зҳо ва г. вазифаҳои асосии Академия мебошанд.

Ба ҳайати ВАСХНИЛ 8 шӯъба, 3 шӯъбаи минтақавӣ (Чануби — дар Киев, Осиёи Миёна — дар Тошкент, Сибирӣ — дар Новосибирск), 31 муассисаи тадқиқоти илмӣ ва г. дохил мешаванд.

Нашриҳои ВАСХНИЛ: «Вестник сельскохозяйственной науки» (аз 1956), «Доклады Всесоюзной ордена Ленина академии сельскохозяйственных наук им. В. И. Ленина» (аз 1936), «Сельскохозяйственная биология» (аз 1966), «Механизация и электрификация социалистического сельского хозяйства» (аз 1930), «Сельское хозяйство за рубежом» (аз 1955).

Академия муаллифони асарҳои барҷастаи илмӣ ва ихтироотро бо медалҳои ба номи К. А. Тимирязев, Н. И. Вавилов, В. Р. Вильямс, К. К. Гедройц, В. П. Горячкин, М. Ф. Иванов, А. Н. Костяков, И. В. Мичурин, Г. Ф. Морозов, В. С. Немчинов сарфароз мегардонад.

Академия с. 1949 бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.

Президентҳои ВАСХНИЛ: с-ҳои 1929—35 — Н. И. Вавилов, 1935—37 — А. И. Муралов, с. 1937 — Г. К. Мейстер, с-ҳои 1938—56 — Т. Д. Лысенко, 1956—60 — П. П. Лобанов, 1961—62 — Т. Д. Лысенко, 1962—65 — М. А. Ольшанский, аз с. 1965 — П. П. Лобанов.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲО́, қаторкӯҳ дар Помири Ғарбӣ. Аз Шим. (к. Музчилга, 4297 м) ба Ҷ. (қ. Революция, 6974 м) 108 км тӯл кашида, болооби д-ҳои Хингоб, Ванҷ ва Язгуломро аз водиҳои Баландкиик, Танимас ҷудо мекунад. Нуқтаҳои баландтаринаш: қ. Коммунизм (7495 м — баландтарин дар СССР), Москва (6785 м), Гармо (6595 м). Нуқтаи пасттаринаш ағбаи Кашолаяк (4340 м). Теғаи кӯҳҳо шакли рельефи альпӣ дошта, бо барфи доимӣ пӯшидааст, ки пирьяхҳои сершумор (*Федченко, Гармо, Ҷамъияти географӣ* ва г.) аз он манбаъ мегиранд. Масоҳ. умумии пирьяхҳо 1500 км². Нишебаҳои ғарбии қ-кӯҳ сернам (боришоти солона то 1800 мм) буда, арча, буттаҳои настаран меруянд.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲО́, пирьях дар Помири Ғарбӣ, яке аз шохаҳои чапи пирьяхи *Федченко*. Дар нишебаи шарқии қ-кӯҳи Академияи Фанҳо, дар бал. 4600 м воқеъ гашта, забонаи он то бал. 3200 м мефурояд. Тӯлаш 7,7 км, масоҳ. 46 км². Яке аз шохобҳои чапи д. *Баландкиик* аз он сар мешавад.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲО́И РСС АРМАНИСТО́Н, муассисаи олии илмии РСС Арм. буда, дар асоси филиали Арманистонии АФ СССР с. 1943 дар Ереван ташкил шуд. Дар ҳайати академия 4 академики фахрӣ, 42 академик, 48 аъзо-корр. ва 3 аъзои хориҷӣ (1977) дохиланд. А. 6 шӯъба ва 29 ин-ти илмии тадқиқотӣ дорад. Инчунин лабораторияи оптико-механикии Бюракан, нейробионика, станцияи гидробиологии Севан низ ба академия мутааллиқанд. Китобхонаи академия 2800 ҳаз. китоб дорад.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: тадқиқи коинот (астрономияи рӯизаминӣ, берун аз атмосферӣ); математика ва кибернетика; радиофизика, радиоастрономия; физика ва механикаи чисмҳои сахт (механикаи материалҳои нав, физикаи нимноқилҳо, физикаи полимерҳо ва физикаи радиационӣ); геология, геофизика, зилзиласанҷии инженерӣ (стратиграфия, тектоника, металлогения, вулконшиносӣ, зилзила ва таъсири он ба иншоот, ҷорабиниҳои зидди зилзила); химияи материалҳои табиӣ ва синтетикӣ, синтези нозуки органикӣ; асосҳои биологии баланд бардоштани маҳсули ҳайвонот ва наботот; биохимияи функционалии системаи асаб, нейрофизиология, нейробионика, синтези микробиологӣ; тараққиёти усулҳои миқдории тадқиқот дар илмҳои ҷамъиятӣ (илмҳои иқтисодӣ, лингвистикаи математикӣ, археология, проблемаҳои социологӣ); арманшиносӣ.

А. журналҳои «Айастани гитутюннери академиаи зекуйцнер» («Маърӯзаҳо», аз 1944, ба забони арманӣ ва русӣ), «Астрофизика» (аз 1965), «Патма банасиракан андес» («Журнали таъриху филология» аз 1958, ба забони арманӣ ва русӣ), «Айкакан химиакан амсагир» («Журнали химиявии арман», аз с. 1957, ба забони арманӣ ва русӣ), «Ахборот» (дар 5 серия, аз 1948), «Айастани кенсабанакан андес» («Журнали биологии Арманистон», аз 1948, ба забонҳои арманӣ ва русӣ), «Лрабер асаракакан гитутюннери» («Ахбороти илмҳои ҷамъиятӣ», аз 1966), «Журнали тибби эксперименталӣ ва клиникӣ» (аз 1962, ба забонҳои арманӣ ва русӣ), асарҳои ин-тҳо ва диг. адабиёти илмиро ба табъ мерасонад, инчунин ба нашри Энциклопедияи Советии Арман аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ мекунад. А. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Арм.: с-ҳои 1943—47 — И. А. Орбели, аз с. 1947— В. А. Амбарцумян.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲО́И РСС БЕЛОРУ́ССИЯ, муассисаи олии илмии РССБ. Дар асоси Ин-ти маданияти Белоруссия с. 1929 дар Минск ташкил гардидааст. Дар ҳайати А. (1. 1. 1977) 55 академик ва 71 аъзо-корр. дохиланд. А. 5 шӯъба ва 32 муассисаи илмии тадқиқотӣ, инчунин маркази ҳисоббарорӣ дорад. Дар китобхонаи марказии А. зиёда аз 2417837 адад китоб маҳфуз аст (1977).

Соҳаҳои асосии тадқиқот: математика; спектроскопияи атому молекула; электроникаи квант ва назарияи заррачаҳои элементарӣ; физикаи ҷисмҳои сахт ва нимноқилҳо; энергетикаи атом; автоматикунонии процессҳои истеҳсолӣ; механикаи полимерҳо; химияи пайвастҳои табиии ноорганикӣ; кибернетикаи техникӣ; усули коркарду истифодаи торф; биофизика, генетика, микробиология, ботаника; анатомия, физиология ва биохимияи растаниҳо, зоология, муҳофизати растанӣ ва олами ҳайвонот; омӯзиши геофизикӣ ва геохимикии РССБ; иқтисодиёти хоҷагии халқ; таърих, фалсафа; адабиёт ва забони халқи белорус, этнография, санъатшиносӣ ва г.

А. дар 7 серия: «Весці Акадэміі навук БССР» (аз 1948; як қисми материалҳои журнал ба забони русӣ дода мешаванд) ва «Доклады АН БССР»-ро (аз 1957) чоп мекунад; журналҳои «Инженерно-физический журнал» (аз 1958), «Дифференци-

альные уравнения» (аз 1965), «Журнал прикладной спектроскопии» (аз 1964), инчунин корҳои илмии ин-тҳо, адабиётҳои илмиро ба табъ мерасонад ва ба чопи Энциклопедияи Советии Белорус аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ мекунад. АФ РССБ. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РССБ: с-ҳои 1929—31—В. М. Игнатовский, 1931—36 — П. С. Горин, 1936—37 — И. З. Сурта, 1938—47 — К. В. Горев, мае 1947, окт. 1947,—А. Р. Жебрак, 1947—50 — Н. И. Гращенков, 1952—69 — В. Ф. Купревич, аз с. 1969 — Н. А. Борисевич.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ГУРҶИСТОН, муассисаи олии илмии РСС Гурҷ. буда, с. 1941 дар асоси филиали Гурҷистони АФ СССР ва муассисаҳои илмии тадқиқотии назди Ун-ти давлатии Тбилиси ташкил шуд. Дар Тбилиси воқеъ аст. Дар ҳайати А. (1977) 59 академик ва 47 аъзо-корр. дохил аст. А. 42 муассиса ва ин-ти илмии тадқиқотӣ дорад. Китобхонаи марказии А. дорои зиёда аз 2 млн (1977) адад китоб аст.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: математика ва механика; физика ва астрофизика; геология, геофизика ва география; кибернетика, электроника, автоматика ва телемеханика; химияи органикӣ ва физикӣ; химияи неорганикӣ ва электрохимия; химияи давоҷот; механикаи кӯҳӣ ва мошин, механикаи масолеҳи полимерӣ; физиология, ботаника ва генетика; палеобиология, биохимия ва биофизика; морфология ва зоологияи таҷрибавӣ; таърих, археология ва этнография; забоншиносӣ, таърихи адабиёт; шарқшиносӣ, археология, фалсафа ва психология; иқтисодиёт ва ҳуқуқ; таърихи санъати Гурҷистон.

А. журналҳои илмии «Ахбороти Академияи фанҳои РСС Гурҷистон» (аз 1941, ба забони гурҷӣ ва русӣ), «Мацне» («Ахборотнома», аз 1960, органи Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятӣ) ва журнали илмии оммавии «Мецниереба да техника» («Илм ва техника», аз 1940) чоп мекунад, ба нашри Энциклопедияи Советии Гурҷӣ аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Гурҷ. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Гурҷ.: с-ҳои 1941—72 — Н. И. Мусхелишвили (ҳоло президенти фахрӣ), 1972—77—И. Н. Векуа.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ЛАТВИЯ, муассисаи олии илмии РСС Латвия. С. 1946 ташкил шудааст. Дар ҳайати А. 21 академик ва 30 аъзо-корр. (1977) дохиланд. А. аз 3 шӯъба ва 14 ин-ти тадқиқоти илмӣ иборат аст. Китобхонаи А. 2440 ҳаз. адад китоб ва диг. нашрияҳо дорад.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: физикаи радиационии ҷисмҳои сахт; гидродинамикаи магнитии муҳити конденсациянишуда; проблемаҳои физикиву техникии энергетика; кибернетикаи техникӣ; механикаи полимерҳо; радиоастрофизика; воситаҳои ҳисобкунӣ ва комплексҳои идоракунӣ; физика ва механикаи материалҳои полимерӣ; химияи пайвастҳои муҳими табиӣ ва биологӣ; химияи чӯб; плазмохимияи таркиби ғайриорганикӣ; синтез ва ҷустуҷӯи моддаҳои аз ҷиҳати физиологӣ фаъол ва полимерҳои аз ҷиҳати физиологӣ фаъол; химияи металл; алоқаи вирус ва ҳуҷайра; иқтисодиёти хоҷагии халқи республика; таърих, забон ва санъати халқи латыш.

А. «Ахборот» (аз 1947, ба забонҳои латышӣ ва русӣ), 5 журнали умумиттифоқӣ: «Автоматика и вычислительная техника» (аз 1967), Магнитная гидродинамика» (аз 1965), «Механика полимеров» (аз 1965), «Химия гетероциклических соединений» (аз 1965), «Химия древесины» (аз 1974) нашр менамояд. Вай ба чопи Энциклопедияи Советии Латвия аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ мекунад. АФ РСС Латвия с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Латвия: с-ҳои 1946—51—П. Я. Леиньш, 1951—59 — Я. В. Пейве, 1960—70 — К. К. Плауде, аз с. 1970 — А. К. Малмейстер.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ЛИТВА, муассисаи олии илмии РСС Литва. С. 1941 дар Вильнюс ташкил шудааст. Як қисми муассисаҳои илмии он дар Каунас мебошад. Дар ҳайати А. 24 академик ва 25 аъзо-корр. (1977) дохиланд. А. 3 шӯъба, 10 ин-т ва диг. муассисаҳои илмии тадқиқотӣ дорад. Китобхонаи марказии илмии А. дорои 371,9 ҳаз. (1977) китоб.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: назарияи эҳтимолият ва статистикаи математикӣ; проблемаҳои математикии кибернетика ва кибернетикаи техникӣ; назарияи спектроскопии атом ва молекулаҳо; физикаи нимноқилҳо; физикаи ҳарорати баланд; назарияи андудани электрикии металлҳо ва коркарди усулҳои рӯпӯши матлуби гальваникӣ; асосҳои биологии баланд бардоштани маҳсули зироат ва чорво; таърих, забон ва адабиёти халқи литвонӣ.

А. дар 3 серия «Асарҳо» (аз 1955 ба забони русӣ ва литвонӣ) ва адабиёти мухталифи илмиро чоп мекунад, ба нашри Энциклопедияи Советии Литва аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Литва с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Литва: апр. 1941—июни 1941—В. С. Креве-Мицкевичюс, аз с. 1946 — Ю. Ю. Матулис.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС МОЛДАВИЯ, муассисаи олии илмии РСС Молдавия буда, с. 1961 дар асоси филиали Молдавии АФ СССР ташкил шуд. Дар ҳайати он 19 академик, 22 аъзо-корр. (1977) дохиланд. Академия аз 3 шӯъба ва 20 муассисаи илмӣ ((9 ин-т ва шӯъбаҳои мустақил) иборат аст. Дар китобхонаи марказии Академия 909,5 ҳаз. адад китоб (1977) мавҷуд аст.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: комплекси проблемаҳое, ки ба баланд бардоштани маҳсулнокии наботот ва ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ алоқаманд аст; химиконии хоҷагии қишлоқ; химияи моддаҳои фаъоли биологӣ; физикаи нимноқилҳо; истифодаи майдон ва разрядҳои электрикӣ дар соҳаҳои гуногуни техника; химияи пайвастҳои комплексӣ; иқтисодиёти республика; таърих, забон ва адабиёти халқи молдав.

Академия «Ахборот» (ба забонҳои русӣ ва молдавӣ, аз 1962), журнали «Электронная обработка материалов» (аз 1965), «Забон ва адабиёти молдавӣ» (ба забони молдавӣ, аз 1958) нашр мекунад ва ба нашри Энциклопедияи Советии Молдавия аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Молд. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Молд.: 1961—77 — Я. С. Гросул, аз июни 1977 — А. А. Жученко.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ОЗАРБОЙҶОН, муассисаи олии илмии РСС Озарб., ки с. 1945 дар асоси филиали Озарбойҷонии АФ СССР ташкил шуд. Дар ҳайати А. 53 академик ва 49 аъзо-корр. (1977) дохиланд. А. 6 шӯъба ва 21 ин-ти тадқиқоти илмӣ дорад. Аз с. 1972 дар ш. Нахчувон Маркази илмии А. амал мекунад. Китобхонаи А. тақр. 1320 ҳаз. номгӯй адабиёт дорад.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: математика, гидродинамика, физикаи математикӣ, кибернетика, математикаи ҳисоб ва техникаи ҳисоб; физикаи нимноқилҳо; электрофизика; химияи нефть, тадқиқи технологияи нави пешқадами коркарди нефту газ, синтез ва коркарди технологияи ҳосил намудани мономер ва полимерҳои нав; инкишофи асосҳои назарияви процессҳои технологии нефту химия; тадқиқоти соҳаи химия ва геохимияи захираҳои минералии республика ва истифодаи онҳо; синтези пайвастҳои ноорганикӣ; сохт ва инкишофи қишри замин, геологияи нефть ва конҳои маъдан ва асосҳои илмии пешбинӣ ва коркарди конҳои амиқ ва амиқтарини нефту газ; коркарди усулҳои нав ва истифодаи моддаҳои нашв, гербицидҳо ва нурихо (дар асоси ашъёи хоми нефть); асосҳои биологии истифодаи дурусти наботот, ҳайвонот ва замин, баланд бардоштани маҳсулнокии растанӣ ва ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ; проблемаҳои философияи марксистӣ-ленинӣ ва социология; проблемаҳои асосии тараққиёти иқтисодиёти хоҷагии халқи республика; масъалаҳои сохтмони миллии

давлатӣ ва ҳуқуқӣ; таърих, таърихи афкори ҷамъияти-фалсафӣ, адабиёт ва забони халқи озар; омӯзиши комплексии инкишофи сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва филологии мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна ва ғ.

А. «Ахборот» (ба забони русӣ ва озарӣ, аз 1936), «Доклады» (аз 1945), «Азерб. химич. журнал» (аз 1959), асарҳои илмии ин-тҳо ва диг. адабиёти илмиро ба табъ мерасонад, инчунин ба нашри Энциклопедияи Советии Озарбойҷон аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ мекунад. А. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Озарб.: с-ҳои 1945—47 — М. М. Мирқосимов, 1947—50 — Ю. Г. Мамадалиев, 1950—58 — М. М. Алиев, 1958—61 — Ю. Г. Мамадалиев, 1961—67 — З. И. Халилов, 1967—70 — Р. Г. Исмоилов, аз с. 1970 — Г. Б. Абдуллоев.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И РСС ТОҶИКИСТО́Н, муассисаи олии илмии РСС Тоҷ., ки олимони машҳури республикаро муттаҳид менамояд. Ба ҳайати он аъзоҳои ҳақиқӣ (академикҳо) ва аъзо-корр.-ҳо дохиланд. Вазифаҳои асосии А. инкишофи тадқиқоти асосӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ, мутобиқ намудани тадқиқоти илмӣ дар миқьёси республика мебошад.

А. с. 1951 дар асоси *филиали Тоҷикистонии АФ СССР* дар Душанбе ташкил шуд. С. 1932 якумин муассисаи илмии комплексии республика — *базаи Тоҷикистонии АФ СССР* бо секторҳои геология ва биология таъсис ёфт. С. 1941 ба филиали Тоҷикистонии АФ СССР табдил гардид, ки ба он академик Е. Н. Павловский роҳбарӣ менамуд. Филиал аз ин-тҳои тадқиқоти илмии геология; ботаника; зоология ва паразитология; таърих, забон ва адабиёт; чорводорӣ; химия; секторҳои геофизика, инчунин расадхонаи астрономӣ ва станцияи хокшиносию мелиорацияи Вахш иборат буд. Пас аз таъсиси А. тадқиқоти илмӣ хеле вусъат ёфт. С-ҳои 50-ум дар соҳаи астрофизика, сейсмология, геология, химия, биология ва як қатор масъалаҳои илмии ҷамъияти тадқиқот бурда мешуд. Дар с-ҳои 60-ум тадқиқи соҳаи математика, физикаи экспериментӣ ва назарӣ, химияи нефть ва пайвастҳои табиӣ, физиология ва биофизикаи растаниҳо, иқтисодиёт, таърих, фалсафа, шарқшиносӣ ва ғ. ривоҷ ёфт. А. бевосита ба Совети Вазирони РСС Тоҷ. тобеъ аст. Органҳои роҳбарии А. интихоб карда мешаванд. Органи олӣ — Маҷлиси умумии академикҳо ва аъзо-корр.-ҳо мебошад. Вай проблемаҳои инкишофи илми республикаро муҳокима ва масъалаҳои асосии ташкилии фаъолияти А.-ро ҳал мекунад, аъзоҳои ҳақиқӣ ва аъзо-корр.-ҳоро интихоб менамояд. Бароии роҳбарӣ дар байни сессияҳои Маҷлиси умумӣ дар ҳар 4 сол Президиум ва президент интихоб карда мешавад. А. бо АФ СССР ва А.-ҳои республикаҳои бародар алоқаи доимӣ дорад. Дар ҳайати А. (1977) 1 академики фахрӣ, 22 академик ва 24 аъзо-корр. дохиланд.

Дар системаи А. 3 бахш (отделение) ва 19 муассисаи илмӣ ҳаст, ки тақрибан 1300 корманди илмӣ, аз ҷумла 580 доктору номзади илмро дарбар гирифтаанд. Бахшҳои илмҳои физикаву математика ва геологияву химия: Ин-ти физикаву техникаи ба номи С. У. Умаров (1964), Ин-ти астрофизикаи ордени Байраҳи Сурхи Меҳнатдор (1958), Ин-ти сохтмони зилзилабардор ва сейсмология (1951), Ин-ти математика бо маркази ҳисоб (1973), Ин-ти геология (1941), Ин-ти химия (1945), Ин-ти ботаникаи ордени Байраҳи Сурхи Меҳнатдор (1941), Ин-ти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский (1941), Ин-ти физиология ва биофизикаи растаниҳо (1964), Ин-ти гастроэнтерология (1965), Ин-ти биологияи Помир (1969); Шӯъбаи генетикаи умумии пахта (1975); бахшҳои илмҳои ҷамъиятӣ—Ин-ти таърихи ба номи Аҳмади Дониш (1951), Ин-ти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ (1951), Ин-ти шарқшиносӣ (1970), Ин-ти иқтисодиёт (1964); муассисаҳои илмӣ: Шӯъбаи фалсафа (1951); Шӯрои омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда (1951); Шӯъбаи муҳофизат ва самарабахш истифода бурдани сарватҳои табиӣ (1969) ва ғ.

Нашри асарҳои илмӣ сол то сол зиёд мешавад. С. 1933 фақат 1 китоб дар ҳаҷми 5 ҷузъи чопӣ аз чоп баромада буд, с. 1975 қариб 60 номгӯй асари илмӣ дар ҳаҷми тақрибан 700 ҷузъи чопӣ интишор ёфт. Китобхонаи илмии марказии А. дорои 1241218 адад китоб (1. 1. 1977) ва диг. нашрияҳо аст. Вай бо 147 муассисаи 27 мамлакати ҷаҳон ва 175 китобхонаи СССР робита дорад.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: математика, физикаи назарияви ва амалӣ; физикаи метеор ва кометаҳо; сейсмологияи регионалӣ ва инженерӣ; тектоника, сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминии республика; химияи металлҳои нодир; синтез дар асоси ацетилен; химияи моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол; фотосинтез; тадқиқоти ресурсҳои олами наботот ва ҳайвонот; биологияи молекулавӣ; муайян ва табобат намудани касалиҳои ҷигар, меъда ва рӯда; проблемаҳои муҳими таърих ва маданияти халқи тоҷик аз давраҳои қадим то айёми мо; фалсафаи марксистӣ, материализми диалектикӣ ва таърихӣ; таърихи тафаккури фалсафӣ ва ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик; иқтисодиёти республика: сарватҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ; проблемаҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик.

А. «Докладҳо» (аз 1951, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), «Ахборот»-и се бахш (аз 1960, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), журналҳои мухталиф ва асарҳои илмӣ чоп мекунад, инчунин ба нашри Энциклопедияи Советии Тоҷик аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Тоҷ. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Тоҷ.: с-ҳои 1951—54 — С. Айнӣ, 1954—64 — С. У. Умаров, аз с. 1965 — М. С. Осимов.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И РСС ТУРКМАНИСТО́Н, муассисаи олии илмии РСС Туркм. С. 1951 дар асоси базаи Туркманистонии АФ СССР ташкил шудааст. Дар ҳайати А. 2 акад. фахрӣ, 20 акад. ва 26 аъзо-корр. дохиланд (1977). А. 3 шӯъба ва 10 ин-ти тадқиқоти илмӣ дорад. А. дорои 764,3 ҳаз. нусха китоб (1977) ва диг. нашрияҳо аст.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: истифодаи қувваи офтоб дар асоси техникаи нимноқилҳо; сохти қишри замин ва мантия, сейсмология, нефту химия; намакҳои табиӣ; истифодаи комплексии биёбон, олами наботот ва ҳайвоноти Туркманистон; тибби кишварӣ; таърих, фалсафа, ҳуқуқ, забон ва адабиёти халқи туркман.

А. дар 3 серия «Известия» (аз 1944), журнали «Проблемы освоения пустынь» (аз 1967) ва диг. адабиёти илмӣ нашр мекунад. Ба чопи Энциклопедияи Советии Туркман аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Туркм. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Туркм.: с-ҳои 1951—56—Т. Б. Бердиев, 1956—59 — Г. О. Чориев, 1959—65 — Ш. Б. Ботиров, 1966—75 — П. А. Азимов, аз с. 1975 — А. Г. Бобоев.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И РСС УКРАЙНА, муассисаи олии илмии РССУ ва яке аз калонтарин марказҳои илмии СССР. С. 1919 таъсис ёфтааст. Президиум ва бисьёр ин-тҳои илмии тадқиқотиаш дар Киев. Дигар муассисаҳои илмиаш дар Харьков, Донецк, Львов, Одесса, Севастополь, Полтава ва ғ. ҷойгиранд. Дар ҳайати А. 121 академик ва 179 аъзо-корр. (1977) дохиланд. Академия аз 5 марказ, 11 шӯъба ва 60 ин-ти илмии тадқиқотӣ иборат аст. Китобхонаи марказии илмии он зиёда аз 17,7 млн адад китоб дорад (1977).

Соҳаҳои асосии тадқиқот: математика (назарияи адад, анализи функционалӣ, муодилаҳои дифференциалии ғайрихаттӣ, мантиқи математикӣ, назарияи эҳтимолият); кибернетика; физикаи ядро; физикаи ҷисми сахт; комплексӣ проблемаҳои материалшиносӣ; радиоастрономия; илми замин; коркарди асосҳои процессҳои кафшер; химия; физиология ва биохимияи организми инсон,

Ба мақолаи Алоча.

Ба маҷолаи Адрас.

Ба ма

АЛБАНИЯ

ШКАЛАИ ЧУҚУРӢ ВА БАЛАНДИҲО БА ҲИСОБИ МЕТР

чуқурӣ 1000 200 0 200 500 1000 1500 2000 баландӣ



МАСШТАБ 1 : 2 000 000

0 20 40 60 80 км

САНОАТИ КОРКАРДИ МАСОЛЕҲ

- металлургияи сиёҳ
- металлургияи ранга
- коркардани металл
- химия
- истеҳсоли маҳсулоти нефть
- масолеҳи биноҳорӣ
- цемент
- шиша
- бофандагӣ
- чарму пойафзол
- чӯбгарӣ
- хӯрокворӣ
- тамоку

ИСТЕҲСОЛИ САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

- битум
- ангишти бӯр
- нефть
- маъданҳои оҳану никель
- хромит
- маъданҳои мис
- намаки ош
- чашмаҳои минералӣ
- нефтепровод
- станцияҳои электрикии обӣ
- станцияҳои электрикии олавӣ

РАЙОНҲОИ ҲОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

Чуворимаккаю гандум, гӯсфандпарварӣ ва зироати гаридӯсти техникӣ (пахта, тамоку) ва мева (меваи зайтун, анҷир, цитруси)

Чуворимаккаю гандум бо чорвои гӯшту ширдеҳ (чорвои калони шохдор, гӯсфанд) ва тамоку

Гандуму чуворимакка ва лаблабуи қанд бо чорвои гӯшту ширдеҳ (чорвои калони шохдор ва гӯсфанд)

Чорводорӣ дар чарогоҳҳои кӯҳӣ ва деҳқонӣ дар водиҳо

а) ноҳияи шимолии чорвои гӯшту ширдеҳ (чорвои калони шохдор ва гӯсфанд), ки дар он кишти чуворимакка бартарӣ дошта, саноати ҷангал тараққӣ кардааст.

б) ноҳияи ҷанубии гӯсфандпарвари, ки дар он кишти гандум назар ба чуворимакка бартарӣ дорад

Дар фабрикаи №4 СУГН с. 1977
тайёр ва нашр карда шуд

АНТАРКТИДАИ
ШАРҚӢ
ҒАРБӢ
Замини Маликаи Мод
Замини Шоҳзодаи Ҳулкҳо
Замини Мэри Бэрд
Замини Элизабет
Замини Виктория
Замини Уилкс
Замини Ҳулкҳо
Замини Ҳулкҳо, Вартадский
Замини Ҳулкҳо, Грабурский
Замини Ҳулкҳо, Ҳулкҳо
Замини Ҳулкҳо, Ҳулкҳо
Замини Ҳулкҳо, Ҳулкҳо

ҳайвонот ва растаниҳо; биофизика; иқтисодиёт; таърих, забон ва адабиёти халқи украин.

Нашриёти Академия «Наукова думка» дар як сол зиёда аз 700 асари илмиро дар ҳаҷми умумии 9000 ҷузъи чопӣ ба табъ мерасонад. Аз с. 1930 «Доповіді Академії наук УРСР» («Докладҳои АФ Украина») ва инчунин 30 журнали илмӣ нашр мегардад, ки дар байни онҳо «Кибернетика» (аз 1965), «Автоматическая сварка» (аз 1948), «Порошковая металлургия» (аз 1961), «Український історичний журнал» (аз 1957), «Радянське право» (аз 1958), «Народна творчість та етнографія» (аз 1957) ва ғ. ҳастанд. А. ба чопи Энциклопедияи Советии Украин аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ мекунад. С. 1969 АФ РССУ бо ордени Ленин ва с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РССУ: с-ҳои 1919—22 — В. И. Вернадский, 1922—28 — В. И. Липский, 1928—30 — Д. К. Заболотный, 1930—46 — А. А. Богомолец, 1946—62 — А. В. Палладин, аз с. 1962 — Б. Е. Патон.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И РСС ЭСТО́НИЯ, муассисаи олии илмии РСС Эст. С. 1946 ташкил шудааст. Дар Таллин ва Тарту муассисаҳои илмӣ дорад. Ба ҳайати А. 21 академик ва 21 аъзо-корр. (1977) дохиланд. А. аз 3 шӯъба, 12 ин-ти тадқиқоти илмӣ иборат мебошад. Китобхонаи А. 2500 ҳаз. адад китоб дорад.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: истифодаи комплексии варақасангҳои сӯванда; кибернетикаи техникӣ ва асбобсозӣ, физикаи кристаллҳои ионӣ; астрофизика; биостратиграфия; физикаи атмосферан замин; асосҳои биологии баланд бардоштани маҳсулнокии хоҷагии қишлоқ; иқтисодиёти республика; таърих, забон ва адабиёти халқи эстон.

А. дар 4 серия «Ахборот» (ба забонҳои эстонӣ ва русӣ, аз 1952), «Советское финноугроведение» (аз 1965) ва диг. асарҳои илмиро нашр мекунад, инчунин ба нашри Энциклопедияи Советии Эстон аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Эст. с.1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Эст.: с-ҳои 1946—1950 — Х. Х. Круус, 1950—1968 — И. Г. Эйхфельд, 1968—1973— А. Т. Веймер, аз с. 1973 — К. К. Ребане.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И РСС ҚАЗОҚИСТО́Н, муассисаи олии илмии РСС Қаз. Дар асоси филиали Қазоқистонии АФ СССР с. 1946 ташкил шуд. Дар ҳайати А. 52 академик ва 77 аъзо-корр. (1977) дохиланд. А. 5 шӯъба, 24 ин-ти тадқиқоти илмӣ дорад. Китобхонаи А. дорои 4453701 адад китоб аст.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: комплекси проблемаҳое, ки бо истифодаи сарватҳои зеризаминии республика алоқаманд аст; физикаи амалии ядро; физикаи зарраҳои баланд-энергия; астрофизика; муодилаҳои дифференционалӣ, механикаи ҷисмҳои сахт; технологияи химиявии нуриҳои сергизо ва мураккаб; электрохимия; катализ; полимерҳо; моддаҳои фаъоли биологӣ; динамикаи процессҳои замин; захираҳои набототи Қазоқистон, баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ; сарчашмаҳои табиии касалиҳои инсон ва ҳайвонот; микробиология ва вирусология; иқтисодиёти хоҷагии халқи республика; фалсафа ва ҳуқуқ; таърих, забон ва адабиёти халқи қазоқ.

А. «Вестник» (аз 1944), «Известия» дар 6 серия (аз 1963) ва диг. нашрияҳои илмӣ дорад, инчунин ба чопи Энциклопедияи Советии Қазоқ аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Қаз. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Қаз.: с-ҳои 1946—52 — К. И. Сатпаев, 1952—55— Д. А. Қунаев, 1955—64 — К. И. Сатпаев, 1964—67 — Ш. Ч. Чокин, 1967—74 — Ш. Е. Есенов, аз апр. 1974— А. М. Қунаев.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И РСС ҚИРҒИЗИСТО́Н, муассисаи олии илмии РСС Қирғ. Дар асоси филиали Қирғизистонии АФ СССР с. 1954 ташкил шуд. Дар ҳайати А. як аъзои фахрӣ, 20 академик ва 24 аъзо-корр. (1977) дохиланд. А. 3 шӯъба ва 17 ин-ти тадқиқоти илмӣ дорад. Китобхонаи илмии А. дорои 754136 ҳаз. (1977) адад китоб аст.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: физика ва механикаи ҷинсҳои кӯҳӣ; автоматонии комплексӣ ва идоракунии процесси истеҳсолоти соҳаҳои асосии саноати республика; геология ва коркарди асосҳои илмии ҳосили элементҳои нуқли нодир ва металлҳои пароканда; биохимия ва физиологияи ҳайвоноту наботот; иқтисодиёти республика; таърих, забон ва адабиёти халқи қирғиз.

А. «Известия» (аз 1959) ва диг. асарҳои оид ба соҳаҳои гуногуни илмро нашр мекунад, инчунин ба нашри Энциклопедияи Советии Қирғиз аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ менамояд. АФ РСС Қирғ. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Қирг.: с-ҳои 1954—60 — И. К. Охунбоев, аз с. 1960 — К. К. Каракеев.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И РСС ЎЗБЕКИСТО́Н, муассисаи олии илмии РСС Ўзб. Дар асоси филиали Ўзбекистонии АФ СССР с. 1943 ташкил шудааст. Дар ҳайати А. 2 академики фахрӣ, 44 академик ва 52 аъзо-корр. (1977) дохиланд. А. 7 шӯъба, як филиал дар Қароқалпоқистон ва 27 ин-ти тадқиқоти илмӣ дорад. Китобхонаи А. дорои 2006 ҳаз. адад (1977) китоб аст.

Соҳаҳои асосии тадқиқот: проблемаҳои илмии парвариши пахта; геология ва сейсмология; физикаи ядро; физикаи радиационии ҷисмҳои сахт; химияи моддаҳои наботот, химияи нуриҳо; математика, физиологияи наботот ва ҳайвонот; альгология; иқтисодиёти республика; шарқшиносӣ, таърихи афкори ҷамъиятию фалсафии халқҳои Осиёи Миёна; археология; таърихи Давлати Советӣ ва ҳуқуқ дар Ўзбекистон; таърих, адабиёт ва забони халқҳои ўзбек ва қароқалпоқ.

А. докладҳои АФ РСС Ўзб. (ба забони ўзбекӣ) 2 серия «Известия» (аз 1940) ва 8 журнали илмӣ нашр мекунад, нашриёти «Фан» дорад, инчунин ба чопи Энциклопедияи Советии Ўзбек аз ҷиҳати илмӣ роҳбарӣ мекунад. АФ РСС Ўзб. с. 1975 бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шуд.

Президентҳои АФ РСС Ўзб.: с-ҳои 1943—47 — Т. Н. Қориниёзӣ, 1947—52—Т. А. Саримсоқов, 1952—56—Т. Э. Зоҳидов, 1956—62 — Х. М. Абдуллоев, 1962—66 — У. А. Орифов, аз с. 1966 — А. С. Содиқов.

АКАДЕ́МИЯИ ФАНҲО́И СССР (АФ СССР), муассисаи олии илмии СССР буда, маъруфтарин олимони мамлакатро муттаҳид кардааст. Дар Москва ҷойгир аст. Академия 28 янв. (8 февр.) 1724 дар Петербург бо супориши Пётри I таъсис ёфтааст. Аввал он Академияи улум ва бадеъ ном дошт, аз с. 1917 АФ Россия ва аз июли 1925 АФ СССР ном гирифт.

С. 1742 ба АФ олими бузурги рус М. В. Ломоносов интихоб шуд. Аз а. 18 АФ маркази асосии интишори илму маданият дар Россия гардид. Аввалҳо фаъолияти АФ ба инкишофи илмҳои математика ва табиатшиносӣ, географияи Россия равона буд, аз нимаҳои а. 19 илмҳои гуманитарӣ ҳам инкишоф ёфтан гирифт. Дар а. 19 ба АФ олимони намоён Б. В. Петров, П. Л. Чебышев, А. М. Бутлеров, И. П. Павлов ва диг. дохил шуданд. Пеш аз Рев. Каб. Соц. Октябрь АФ ягон қадар базаи моддии пурқувват надошт. Ҳукумати подшоҳӣ аз олимони дарбор ба АФ сардор таъин мекард. Фақат баъд аз Рев. феврали 1917 АФ шароити мусоид фароҳам овард. Фаъолияти вай бо вазифаҳои сохтмони социалистӣ сахт алоқа пайдо кард. Аз солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ доир ба соҳаҳои асосии илм дар АФ сохтани муассисаҳои калони илмӣ сар шуд. Июни 1927 Устави нави АФ тасдиқ карда шуда, дар он фаъолияти АФ бо бузургтарин вазифаҳои илм, ки ҳалли онҳо барои тараққиёти хоҷагии халқ ва маданияти мамлакат зарур буданд, алоқаманд гардонида шуд. Дар давоми панҷсолаи якум шабакаи муассисаҳои илмӣ ба тезӣ афзуд. Дар ҳайати АФ дар қатори олимони маъруф инженерони намоён ва ходимони

ҷамъиятӣ ҳам кабул шуданд. С. 1934 АФ аз Ленинград ба Москва кӯчонда шуд. Дар солҳои сиюм дар республикаҳои миллӣ, як қатор кишвару вилоятҳо базаҳои тадқиқи илмӣ ва филиалҳои АФ ташкил гардид. Дар асоси ин база ва филиалҳо баъдтар дар республикаҳо АФ республикавӣ таъсис ёфт. Мас., дар асоси Филиали Тоҷикистони АФ СССР, ки с. 1941 таъсис ёфта буд, с. 1951 АФ РСС Тоҷ. ташкил шуд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ АФ фаъолияти худро ба торумор намудани душман равона кард. Дар солҳои баъди ҷанг шабакаи муассисаҳои илмии АФ ва академияҳои республикавӣ босуръат тараққӣ кард. АФ дар ҳалли проблемаҳои муҳими илмию техникӣ, аз ҷумла проблемаи аз худ кардани энергияи атом ва фатҳи коинот роли калон бозид. С. 1945 дар назди Президиуми АФ шӯрои мутобиқати фаъолияти илмии АФ республикаҳои иттифоқӣ ташкил шуд. С. 1957 шӯъбаи Сибирии АФ ва дар охири с.-ҳои 60 марказҳои илмии Шарқи Дур ва Урал ташкил гардиданд. АФ дар Қирғизистон, Доғистон, Тоҷикистон, Карелия, Кольск ва Коми филиалҳо дорад. Шӯъбаи Сибирии АФ дорои филиалҳои Бурятия, Сибири Шарқӣ ва Ёкутистон мебошад.

Вазифаҳои асосии АФ иборатанд аз: тадқиқоти умда дар соҳаи фанҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ, иҷрои корҳои илмию тадқиқотии перспективие, ки бо тараққиёти истеҳсолот вобастааст, ошкор намудани имкониятҳои нави пешрафти техника, нурратар истифода бурдани ҳосилаҳои илм дар амал, раҳбарии умумии илмӣ ба корҳои тадқиқотии ба ҳалли муҳимтарин проблемаҳои соҳаи фанҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ, ки дар тамоми мамлакат, дар АФ республикаҳо, муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ бурда мешавад.

Органи олии АФ Маҷлиси умумии АФ мебошад. Ба масъалаҳои никиштифоии илмро дар мамлакат муҳокима, роҳи тадқиқоти илмиро муайян, масъалаҳои асосии ташкилии фаъолияти АФ-ро ҳал ва аъзоёни АФ-ро интихоб мекунад. Маҷлиси умумии барои раҳбарӣ ба фаъолияти АФ ба муддати 4 сол Президиуми АФ-ро дар ҳайати президент, ноиб президентҳо, котиби илмӣ, академикотибҳои шӯъбаҳо ва дигр аъзоёни Президиум интихоб мекунад.

АФ дар ҳайати худ 19 шӯъбаи махсус дорад, ки онҳо марказҳои илмӣ ва илмии ташкилӣ ба шумор мераванд ва олимони соҳаҳои даҳдории илмро муттаҳид мекунанд. Ба фаъолияти шӯъбаҳо ва муассисаҳои илмии даҳдории АФ 4 секция: секцияи физикаву техника ва илмҳои математикӣ, секцияи химияву технологияи ва илмҳои биологӣ, секцияи илмҳои Замин ва секцияи илмҳои ҷамъиятӣ роҳбарӣ мекунанд.

Корҳои илмии тадқиқотии АФ дар ин-тҳо, расадхонаҳо ва муассисаҳои илмии дигари он иҷро мегардад. АФ (1968) зиёда аз 210 ва аз он ҷумла дар Шӯъбаи сибирии худ қариб 50 муассисаи илмӣ дорад. Дар ҳайати АФ (1977) 247 академик, 486 аъзокорр. ва 89 аъзои хориҷӣ ҳастанд. Дар зиёда аз 200 муассисаи АФ қариб 40 ҳаз. корманди илмӣ, аз ҷумла 2700 доктор ва зиёда аз 15 ҳаз. номзади илм кор мекунанд. Дар назди АФ қариб 200 шӯрои илмӣ ҳаст. АФ дорои шабакаи китобхонаҳои илмӣ мебошад. Ғайр аз китобхонаҳои муассисаҳои илмӣ боз Китобхонаи Марказӣ (дар Ленинград), Китобхонаи илмҳои табиатшиносӣ (дар Москва), китобхонаи умумии илмию техникии Шӯъбаи Сибирӣ (дар Новосибирск) мавҷуданд. АФ аъзои 129 ташкилоти илмии байналхалқӣ мебошад. АФ ба олимон барои корҳои илмии барҷаста ва кашфиёташон медали тилло ва мукофотҳо медиҳад, мукофоти олии АФ медальҳои тиллои ба номи М. В. Ломоносов ва К. Маркс ҳисоб мешаванд.

Президентҳои АФ СССР: с-ҳои 1917—36 — А. П. Карпинский, 1936—45 — В. Л. Комаров, 1945—51 — С. И. Вавилов, 1951—61—А. Н. Несмеянов, 1961—75 — М. В. Келдыш, аз нояб. 1975 — А. П. Александров.

АКАДЕМИЯИ ХОҲАГӢИ КОММУНАЛӢИ ба номи К. Д. Памфилов, маркази тадқиқоти илмии хоҷагии хонаву ҷой ва хизмати коммуналӣ. С. 1931 дар Москва ташкил шуд. Дар ихтиёри Вазорати хоҷагии коммуналии РСФСР мебошад. С. 1943 ба Академия номи ходими давлатӣ ва партиявии советӣ К. Д. Памфилов дода шуд. Вазифаҳои асосии Академия ҳалли масъалаҳои тараққиёти хоҷагии хонаю ҷой ва коммуналӣ бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар муассисаҳои коммуналӣ, аз ҳисоби истифодаи пурсамараи техникаю автоматика арзон намудани адои хизмати аҳолӣ, такмилу ташкили бехтари хоҷагии коммуналӣ ва дар аспирантура тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ. Дар ҳайати Академия 11 сектори тадқиқоти илмӣ мавҷуд аст, ки дорои 44 лаборатория буда, онҳо бо масъалаҳои иқтисодиёт, биносозии коммуналӣ ва истиқоматӣ, таъмин ва тозаи кардани об, автоматонидан ва техникаи ҳисоб, наклиёт, энергетика ва тозагии санитарии шаҳрҳо, муҳофизати иншоотҳои зеризаминӣ, сабзкорӣ ва хоҷагии кӯзӣ машғуланд. 3 институти махсуси илмии тадқиқотӣ (дар Ленинград, Ростов ва Свердловск) мавҷуд аст. Ба ҳайати Академия 2 бюрои конструкторҳо ва 4 заводи таҷрибавии махсус низ дохил мешаванд. Академия ҳуқуқ дорад, ки унвони илмии номзади илмҳои техникӣ, иқтисодӣ ва унвони докторӣ диҳад. Калонтарин китобхонаи илмии техникии СССР дар ихтиёри Академия мебошад.

АКАДЕ́МИЯИ ХОҲАГӢИ ҚИШЛО́ҚИ МОСКВА́ ба номи К. А. Тимирязев, яке аз нахустин ва калонтарин донишкадаҳои олии х. қ. дар СССР. Академия 3 дек. 1865 бо номи Академияи зироат ва хоҷагии ҷангали Петровскӣ таъсис ёфта буд. 10 дек. 1923 бо қарори ҳукумат Академияи х. қ.-и ба номи К. А. Тимирязев ном гирифт. Ташаккул ва тараққиёти мактабҳои илмии академия бо номи олимони шӯҳратманд И. А. Стебут, К. А. Тимирязев, В. Р. Вильямс, Д. Н. Прянишников, В. П. Горячкин, Д. Л. Рудзинский, М. К. Турский, М. Ф. Иванов, И. А. Каблуков, Е. С. Фёдоров, Я. В. Самойлов ва диг. алоқаманд аст. Дар ҳайати Академия (1975) фак-тҳои агрономӣ, агрохимиявӣ, агропедагогӣ, зоотехникӣ, иқтисодӣ, богдорию сабзавотпарварӣ, такмили ихтисос, шӯъбаи тайёрӣ, аспирантура, 61 кафедра, 8 лаборатория, 4 музей, 10 станцияи таҷрибавӣ, 6 хоҷагии таълимӣ-таҷрибавӣ, боғи наботот мавҷуд аст. Китобхонаи Академия дорои бештар аз 1,5 млн ҷ. китоб мебошад. Соли хониши 1972—73 Академия 3,5 ҳаз. студент, қариб 500 омӯзгор (7 академики ВАСХНИЛ, 73 проф. ва доктор, қариб 350 доценту номзади илм) дошт. Академия ҳуқуқи ба ҳимоя қабул намудани дисс. номзадию докторӣ дорад. Академия аз с. 1878 «Ахборот» ва аз с. 1945 «Маърӯзаҳо» нашр менамояд. Академия то Рев. Октябрь қариб 3000 ва дар солҳои Ҳокимияти Советӣ бештар аз 30 ҳаз. мутахассис тайёр кардааст. Бо ордени Ленин (1940) ва ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат (1965) мукофотонида шудааст.

Ад.: Тимирязевка и деятели культуры, М., 1965; Московская сельскохозяйственная Академия имени К. А. Тимирязева, М., 1969.

АКА́Н, номи халқҳои ҳамқавми нохияҳои ҷанубу марказии Гана ва Ҷ. Ш. Соҳили Оҷ. Шумораашон қариб 4,8 млн (1967), аз ҷумла, бештар аз 3 млн дар Гана зиндагӣ мекунанд. Забонҳои А. ба гурӯҳи забонҳои ква дохил мешаванд. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ташаккули забони ягонаи адабӣ огоз ёфт. Қисми зиёди диндорон (77%, 1961) ба дини анъанавии маҳаллӣ, боқимондаашон ба дини насронӣ эътиқод доранд. Ҷамъият ва маданияти А. то омадани европоиён тараққӣ карда буд. Дар а-ҳои 18—19 давлати пурқуввати мутамарказ ба вуҷуд омад. Аз аввали а. 20 то с. 1957 А. тобеи англисхою французҳо буданд. А. асосан бо деҳқонӣ машғуланд, зироати асосӣ какао мебошад.

АКАРАПИДО́ЗИ ЗАНБӮ́Р, акароз, акариоз, касалии занбӯри

асал, ки канаи Acarapis Woodi Rennie ба вуҷуд меорад. А. з. аввалин бор с. 1904 дар ҷаз. Уайт (Англия) ба қайд гирифта шудааст. Асосан дар мамлакатҳои Европа ва қисми Европоии СССР паҳн гаштааст. Ангезандаи А. з. ба роҳи нафас, тахтаҷушту қафаси сина, буни бол ва ғ. тухм мегузорад. Давраи инкишофи ангезандаи А. з. 10—16 рӯз буда, ба воситаи занбӯри асал ва занбӯри ваҳшии касал паҳн мешавад. Парешонии болҳо, парвоз карда натавонистан аломатҳои А. з. буда, асосан, аввали баҳор ва охири тирамоҳ авҷ мегирад. Ч о р а ҳ о и п е ш г и р ӣ в а м у о л и ҷ а: ҷорӣ кардани карантин ва истифодаи захрхимикатҳои канакуш (фальбекс, эфирсульфонат, нитробензол, метилсалицилат, этилсалицилат ва ғ.).

Ад.: П о л т е в В. И., Болезни пчёл, Л., 1964.

АКАРИЦИДҲО́ (юн. akari — кана, лот. caedo — мекушам), захрҳои химиявии канакуш. Моддаҳои захрии фосфорорганикии метафос, метилнитрофос, сехлорметафос, фосфамид, метилмеркаптофос аз ҷумлаи беҳтарин А.-и канакуш ҳисоб меёбанд. Спиртҳои ароматӣ, эфири кислотаҳо, сульфиду сульфонҳо, азобензолу нитрофенолҳо, баъзе пайвастҳои органикии фтор ва инчунин хокаю маҳлули сульфур (ИСО) низ чун А.-и таъсирбахш ба кор мераванд. Дар маҳви канаҳои хунмак инсектицидҳои хлорорганикӣ (кельтан, мильбекс, тедион, хлорбензид, хлорбензилат, эфирсульфонат), фосфорорганикӣ ва эфири кислотаҳои карбаминиро истифода мебаранд.

Ад.: Справочник садовода, М., 1964; М е л ь н и к о в Н., Н., Химия пестицидов, М., 1968.

АКАРОЛО́ГИЯ (юн. akari — кана ва lógos — илм), як фасли зоология, ки морфология, систематика, экология, биология, роль ва паҳн шудани ангезандаҳои бемории одаму ҳайвон ва растанӣ, усул ва воситаҳои мубориза ба муқобили канаҳои зарароварро меомӯзад. Дар республикаи мо проблемаҳои А.-ро Ин-ти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский АФ РСС Тоҷ., Ин-ти тадқиқоти илмии чорводорӣ ва ветеринарияи Вазорати х. қ., Ин-ти эпидемиология ва гигиенаи Вазорати нигаҳдории тандурустӣ ва фак-ти ветеринарии Ин-ти х. қ. ҳал менамоянд.

АКБА́Р اکبر Акобирхоҷаи Бухороӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), мударрис ва шоири нимаи дуюми а. 19 тоҷик. Мадрасаро дар Бухоро хатм кардааст. Аз рӯи тадрис касби маош менамуд ва дар шеър ҳам қудрат дошт. «Табъаш дар назми ашъор иқтидори тамом дорад» — гуфтааст Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. Аз ашъори А. кам боқӣ мондааст. Аз рӯи ғазал ва рубоиҳое, ки Возеҳ дар тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» аз А. намуна овардааст, ҳамин қадар гуфтан мумкин аст, ки ӯ асосан ғазалҳои тақлидӣ менавиштааст, вале баъзан тақлидро ба таҳқиқ ҳам расонда тавонистааст.

قاری رحمت‌الله واضح، تحفة الاحباب فی تذکرة الاصحاب، تاشکند، ۱۹۱٤

С. Сиддиқов.

АКБА́Р اکبر Ҷалолуддин (1542—1605), арбоби давлатӣ, сарлашкар, наберааи *Бобур* Мирзо, подшоҳи Ҳиндустон (1556—1605) аз сулолаи *Темуриёни Ҳинд*. Бо давлатҳои ҳамсоя ҷанг ҳо карда, мамлакатро аз ҳисоби сарзамини ҳозираи Афғонистон ва мулкҳои феодалони саркаши Ҳинд васеъ кард. Лашкари низомии савора ташкил дод, ки дар ҷангҳо ва муборизо бо феодалҳо қувваи асосӣ буд. Ба сарлашкарон ба ҷои замин маоши пулӣ муқаррар намуд, армияро аз нав яроқнок кард. А. ба аъёну ашрофи Ҳинд такья карда, як қатор чорабиниҳои давлатӣ гузаронид, андозро ба тартиб даровард, воҳиди вазн ва андозро ҷорӣ кард. Кӯшиши давлатӣ кунонидани ҳамаи заминҳо сабаби шӯриши калони феодалҳо шуд, ки А. онро бо мушкилӣ пахш кард. А. хост дар Ҳиндустон оини умумиеро бо номи «дини илоҳӣ» ҷорӣ кунад, ки унсурҳои оини ҳиндуӣ, зардуштӣ, ислом ва қисман насрониро дар бар мегирифт. Ин дин минбаъд ба номи «Оини Акбарӣ» шӯҳрат ёфт. Вале пас аз вафоти А. дини нав фақат ба мазҳабе мубаддал шуд.

А. Мухторов.

АКБА́РИ ОЛЛОҲОБОДӢ اکبر الله‌آبادی Саид Акбари Ҳусайн (16. 11. 1846, Бара—1921, Оллоҳобод), шоири ҳаҷвнависи урдузабони Ҳиндустон. Аз оилаи камбағал. Баъди хизмати бисьёрсола дар идораҳои давлатӣ ва адлия аз с. 1903 ба адабиёт машғул шуд. А. О. дар шеъри моҳияти сиёсати мустамликадории Англияро фош ва маданияти буржуазии Ғарбро танқид мекард. Вай дар мавзӯъҳои динию фалсафӣ низ як силсила шеърҳо дорад. А. О. дар солҳои охири умри худ бахшида ба *Гандӣ* достоне навишта, муборизаи зидди мустамликадориро тарафдорӣ кард. Асарҳои А. О. дар куллиёти чорҷилдаи ӯ гирд оварда шудаанд. Бисьёр мисраъҳои ашъори А. О. дар байни халқ ҳамчун зарбулмасал ва мақол паҳн шудаанд.

Ш. Пӯлодова.

АКВАЛА́НГ (лот. aqua — об, англ. lung — шуш), аппарати махсусе, ки барои дар зери об нафас кашида шино кардан имконият медиҳад. А. аз ду баллон ҳавои фишурда (ҳар кадом 7 л), тасмаҳо (барои ба китфу камар бастани баллонҳо), олати нафаскашӣ, ниқоби шишадор ё гидрокомбинезон, асбоби ченкунандаи чуқурӣ, компас ва соат иборат мебошад. А.-ро франсавиён Ж. И. Кӯсто ва Э. Ганьян ихтироъ кардаанд (1943). А. барои варзиши зериоби ва начот додани ғарқшудагон, моҳидорӣ, тадқиқоти зериобӣ ва ғ. кор фармуда мешавад. Вобаста ба умқи шино (то 40 м) одам бо А. қариб 1 соат ё зиёдтар дар зери об буда метавонад.



Акваланг: *1* — ниқоби шишадор; *2* — тасмаҳо; *3* — баллонҳо; *4* — олати нафаскашӣ.

АКВАМАРИ́Н (лот. aqua marina — оби баҳр), навъе аз минерали *берилл*, ки кристаллҳояш шаффофи осмонранг ё сабзранганд. А. санги қиматбаҳои дараҷаи 2-юм буда, дар заргарӣ истифода мешавад. А.-и баландсифатро аз конҳои пегматитӣ ва грейзенӣ, ки дар СССР, Бразилия, ШМА, Ҳиндустон ва ҷаз. Мадагаскар мавҷуданд, ба даст меоранд.

АКВАРИҲО́, селҳои метеор (шиҳоб), ки радианти он дар бурҷи *Далв* воқеъ аст. Муҳимтаринашон η — Аквариҳо (бо кометаи Галлей алоқаманд аст) ва δ — Аквариҳо мебошанд. Селҳои η ва δ — Аквариҳо ҳар сол мувофиқан охирҳои апр. ва аввалҳои май ва охирҳои июлу аввалҳои авг. меборанд. Ниг. *Сели метеор*.

АКВЕДУ́К (лот. aqua — об, duco — мебарам), иншооти гидротехникӣ, новаи обгузар. А. рӯизаминӣ ва зеризаминӣ мешавад. А.-и рӯизаминӣ барои обро аз болои дара, ҷар, дарьё ва роҳҳои оҳану сангфарш гузаронидан хизмат мекунад. Вобаста ба дарозӣ ва чуқурии ҷои обгузар пояи А. аз санг, хишт, бетон, оҳану бетон, чӯбу тахта ва ғ. дар шакли тоқ сохта мешавад. Дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон аз қадимулайём А.-и зеризаминиро, ки бо номи *корез* машҳур аст, истифода мебаранд.

Акведук дар наздикии деҳаи Шарҷоди Хуф.

АКИНАК (юн. akinákēs), навъи ханчари дудама, аслихаи скифхо ва ачлоди точикон. Дарозии А. 40—60 см. буда, гулубандаш дилмонанди

Акинаки скифхо

чоркирра аст. Дар миёна ва нимаи дуюми хазорсолаи якуми то м. А.-ро ханиоми чангхои тан ба тан ба кор мебурданд.

АККА (Pica pica), парандаест аз оилаи *зог*. Дарозиаш 45—48 см, вазнаш 155—255 г. Думдароз. Нулаш рост ва сахт. Параш сиёху сафеди чилодор. Дар Европа, Осиё, Америкаи Шим. паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ., ду зернамудаш (P. p. hemilucoptera, P. p. bactriana) дида мешавад. А. дар ҷангал, чакалаку дарахтзори нишебихои кух лона мегузорад. Дар моҳи март-май 5—8 тухм гузошта, дар 18—19 руз чуча мебарорад. А. хашарот зараррасонро хурда, ба хочагии халқ фоида мерасонад. А. мева, тухму чучаи парандагонро мехурад. *Н. А. Абдусаломов*

АККОЛБОЗИ (чиллакбози), яке аз бозихои кадимии бачагони точик. А. навъхои лиёд дорад, ки махсуси баҳор, тобистон ва аввали тирамоҳ аст. Асбоби ин бози аккол (чиллак) — чуби тарошида (15 см), ки ду нуги он тез карда шудааст ва акколдаста (чиллакдаста) — чуби дарозтари тарошида (70—80 см). Бозигарони ки мгкдорашон маҳдуд нест, ба ду такасим шуда, хар гурух ба як сардор интихоб мекунад. Барои бозиро сар кардан пиллачой (маррачой) мекашанд ва дар он чо акколдастаро мегузоранд. Огози бози чанд хел аст. Масалан, яке акколро болои партофта, бо акколдаста мезанад ё ки яке мепартояд ва дигаре мезанад. Баъд масофаи аккол тайкардаро бо акколдаста чен мекунанд. Пеш аз чен кардан хар гурух як нуги акколдастаро тарафи худ карор медиҳад. Яке аз сардорхо «тарафи ман», «тарафи ту» гуёи масофаро чен мекунад. Кадом нуги акколдаста ба аккол расад, гурухи «соҳибш» хамон нуг бозиро сар мекунад. Агар гурухи дуюм акколро бо доман дошта гирад ё аккол ба замин рост нистад, ё бозигар хато кунад, бози насиба у мегардад. Баъди аз майдон дур бароварданн аккол бачагони гурухи дуюм кушиш мекунанд, ки акколро ба акколдастаи дар пиллачой буда расонанд ё ки бо як дам «ду» гуёи ба пиллачой бирасанд. *Н. Турсунов*

АККОМОДАЦИЯ, нигр. *Татобуқ*.

АККОРД (итал. accordo—ҳамоҳангӣ), ҳамоҳангии овозҳои зеру бами асбобҳои мухталифи мусиқӣ. А.-ҳо аз чиҳати таркибу миқдор ва фосилаи овозҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Овозҳои А., асосан, мувофиқи терцияҳо аз пардаи поён ба боло ҷойгир шуда, ҳар кадом ном доранд. Навъҳои асосии А.: сеовоз (се овози мухталиф), септаккорд (4 овоз), нонаккорд (5 овоз), ундецимаккорд (6 овоз).

АККОРДЕОН (франс. accordeon), 1) номи умумии асбобҳои мусиқии забончадор, ки барои дасти чап аккордҳо доранд. Агар як пардаи онро пахш кунед, як аккорди мукаммал садо медиҳад (нигр. *Гармонь*). Маҳфуми А. с. 1829 пайдо шудааст. 2) Асбоби мусиқие, ки дар Россия бо номи *баян* машҳур буда, дар тарафи расташ мисли фортепиано пардаҳо дорад. Садояш форам аст.

Аккордеон.

АККРА (Accra), пойтахти Республикаи Гана, шаҳри калонтарини мамлакат, бандари соҳили ҳал. Гвинея. Маркази иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданиии Гана. Узели р. о. ва роҳҳои шоссе; аэропорти байналхалқӣ. Аҳол. 634 ҳаз. наф. (1974). Дар А. корхо-

Аккра. Кисми марказии шаҳр.

нахои саноатии коркарди металл, бофандагӣ, чуббурӣ, масолеҳи бинокорӣ, хурокворӣ, з-ди таҷҳизоти электр мавҷуданд. Заргарӣ ривоҷ ёфтааст. Бозори алмосу какао дорад. Ун-т, академияи фанҳо, боғи ботаникӣ, китобхонаи марказӣ, музеи миллӣ ва ғ. мавҷуданд. А. аз с. 1957 пойтахти давлати мустақили Гана. Тахминан а. 16 буньёд ёфтааст.

АККРЕДИТИВ (лот. accreditivus—ваколатнома), 1) ҳуҷҷати пулӣ дар бораи аз як муассисаи кредитӣ (банк, кассаҳои амонатӣ) ба дигр. муассисаи кредитӣ додани маблаги муайян; ин навъи А. шакли ҳисобу китоби ғайринақд дар байни ташкилотҳои социалистӣ ва ҳисобу китоби тиҷоратии байналхалқӣ аст. 2) Ҳуҷҷати пулӣ ба номи шахси муайян, ки мувофиқи он ҳақ дорад аз муассисаи кредитӣ (банк ё кассаи амонатӣ) маблаги дар А. зикршударо гирад.

АККУМУЛЯТОР (лот. accumulator — захиракунанда), асбобест барои захира кардан ва дар мавриди зарурӣ ба истеъмолкунандаҳо додани энергия. Вобаста ба навъи энергияи захирашаванда А.-ҳо электрӣ, гидравликӣ, ҳаратӣ, инерционӣ мешаванд.

А.-и электрӣ энергияи электрро дар намуди энергияи химиявӣ захира мекунад ва мувофиқи талаб онро боз ба энергияи электр табдил дода, ба истеъмолкунандаҳо медиҳад (нигр. *Манбаъҳои химиявии ҷараён*). Он аз электродҳои мусбат ва манфии дар маҳлули электролит ҷойгиршуда иборат аст. Дар сатҳи ба электролит расидаи электродҳо фарқи потенциалҳо пайдо мешавад, ки онро қувваи электрҳаракатдиҳанда (ҚЭҲ)-и А. меноманд. Вобаста ба навъи электролит А.-и электрӣ кислотагӣ (электродҳояш аз сурб) ва ишқорӣ (электродҳояш аз кадмию никель ё оҳану никель) мешавад. Ин А.-ҳо бо муҳлати хизмат (шумораи циклҳои заряд-разряд), шиддати миёнаи заряду разряд (ба ҳар элемент 1—2 В), энергияи хос (бо Ҷ, кҶ ё Вт · с), ки аз 1 кг масса ё 1 дм³ ҳаҷм ҳангоми разряд гирифта мешавад, коэфф. амали муфид ва гунҷоиш (бо ампер-соатҳо) фарқ мекунанд. Барои ҳосил кардани шиддати баланд гурӯҳи А.-ҳоро пай дар пай пайваст мекунанд, ки силсилаи (батареяи) аккумуляторҳо номида мешавад.

А.-и гидравликӣ барои дар системаҳои гидравликӣ як хел нигоҳ доштани фишор ва сарфи моеъ (газ) хизмат мекунад. Бештар дар системаҳое истифода мешавад, ки сарфи моеъ ё газ дар онҳо тағйирёбанда аст.

А.-и ҳаратӣ энергияи гармиро захира карда, меъёру мунтазамии бо буғу энергия таъмин кардани системаро ба амал меорад.

А.-и инерционӣ ҷисми мутаҳаррикест, ки миқдори ҳаракаташ назар ба миқдори ҳаракати қувваҳои ба ин ҷисм таъсиркунанда фузунтар аст (мас., *маховик*). Захираи энергияи маховик дар мошинҳо, муҳаррикҳо, воситаҳои нақлиёт ва ғ. истифода мешавад.

АККУМУЛЯ́ЦИЯ (лот. accumulatio — зам шудан), замшавии таҳшинҳо, седиментация — процесси зам шудани моддаҳои минералӣ ва органикӣ дар хушкӣ ё зери об. А. аз ҳаракати обҳои равон, бод, пирьях ва омилҳои геологии диг. пайдо шуда, А.-и обӣ, пирьяхӣ, бодӣ (эолӣ) ва ғ. ном мегирад.

АКМА́Л اکمل Мирзо Муҳаммад Комили Бадахшӣ (1644, ш. Сринагар, Кашмир — 1718, ҳамон ҷо), шоири форсизабони Ҳиндустон. Бобои А. аслан тошкандӣ буда, дар Бадахшон маскун шуда, ба ин васила фарзандонаш ба Бадахшӣ мансуб гардидаанд. А. ва падараш дар Кашмир таваллуд шудаанд. Ашъори А. бештар мазмуни ирфонӣ дорад. Бо унвони «Баҳр-ул-ирфон» маснавие тамом кардааст, ки аз 8000 байт иборат буда, дар пайравии «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ эҷод шудааст. Дар қасидаи «Мухбир-ул-асрор»-и А. аҳвол ва мақомоти аҳли сулук баён шудааст. А. аз шоирони форсигӯи Кашмир нахустин касест, ки достонҳои маҳаллии ҳиндиро (мас. «Аканандон»)-ро ба назми форсӣ даровардааст. *А. Ғаффоров.*

АКМА́Л اکمل Шермуҳаммади Хӯқандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), аз шоирони дузабонаи а. 18 аст, ки осорашро ба тоҷикию ӯзбекӣ баробар навиштааст. Баъди таҳсили илм дар мадрасаи Мири Хӯқанд (Қӯқанд) мударрисӣ кардааст. *Фазлии Наманганӣ* ва Қорӣ Раҳматуллоҳи *Возеҳ* ба камолоти шоирӣ ва обрӯю эътибори ӯ ишорат намуда, гуфтаанд, ки ду девон — яке ба тоҷикӣ ва дигаре ба ӯзбекӣ тартиб додааст. Ин девонҳо ҳанӯз ба даст надаромадаанд. Дар ашъори А. ҳаячони қалби инсон тараннум шуда, нобаробарии иҷтимоӣ ва ноадолатии замона ифода ёфтааст («Хок бар сар мекунад, ҳар кас, ки бе симу зар аст»). *С. Амирқулов.*

АКОБИ́РОВ Юсуф (тав. 1. 10. 1937, деҳ. Соктареи вил. Бухоро), нависандаи советии тоҷик. Аз оилаи духтур.

С. 1959 фак-ти таъриху филологияи Ун-ти давлатии Тоҷикистонро хатм намудааст. Дар идораи журнали «Садои Шарқ» кор мекунад. Нахустин асари А. — драмаи «Рӯдакӣ»-ро Театри драмаи мусиқии ба номи Пушкини Ленинобод ба саҳна гузоштааст (1958). Муаллифи повестҳои «Баъде ки осиё бозмонд» (1964), «Духтаре, ки чустучӯяш мекунам» (1965), «Балогат» (1966), «Осмони соф» (1968) аст. Асарҳои А. асосан аз ишқу муҳаббат, ташаккули характеру ҷаҳонбинии ҷавонон ва ба ҳаёти мустақилона қадам ниҳодани онҳо баҳс мекунанд. Нахустин романи А. «Замини падарон» (1974) ба сохтмони колхозӣ дар Вахш бахшида шудааст. Асарҳои А. ба забонҳои русӣ ва латишию ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. А. аз с. 1963 узви ИН СССР аст. *Ю. Акбаров.*

АКОПЯ́Н Акоп (29. 5. 1866, Кировобод — 13. 11. 1937, Тбилиси), асосгузори назми пролетарии арман. Аъзои КПСС аз с. 1904. Аз оилаи деҳқон. Аввалин маҷмӯаи ашъори ӯ с. 1899 ба табъ расида буд. Ба ҳаракатҳои коргаропи Закавказия аз с. 1902 ҳамроҳ шудааст. А. дар шеърҳои «Аловмон» (1904), «Боз зарба», «Инқилоб» (1905), «Мурданду маҳв нагаштанд» (1906), «Субҳи нав» (1909), «Сапедадам» (1910), «Мавҷхои сурх», «Шахр» (1911), ки пур аз эҳсосоти революционӣ мебошанд, ба ояндаи дурахшон боварӣ изҳор намуда, ҳамраъию ҳамкории меҳнаткашонро тараннум кардааст. Баъди барқарор гардидани Ҳокимияти Советӣ дар Гурҷистон комиссари банкҳои он ҷо таъин шуда, узви КИМ-и Федерацияи Закавказия интихоб гардидааст. Меҳнати фидокоронаи бинокорони ҷамъияти социалистӣ, дӯстии халқу миллатҳо мавзӯи асосии ашъори давраи советии А.-ро ташкил додаанд. Манзумаҳои «Худоҳо ба гап даромаданд» (1911), «Баробарӣ» (1917), «Каналы Шир» (1924), «Волховстрой» (1925) ва бисьёр шеърҳои диг. ӯ ба таронаи революцияи социалистӣ ва ҳаёти нави ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд. А. шоири халқии Арманистон ва Гурҷистон буд. Шеърҳояш ба бисьёр забонҳо (ба тоҷ. «Маро гӯянд», «Симои Ленин» ва ғ.) тарҷума шудаанд.

Ад.: История армянской советской литературы. М., 1966.

АКРА́МОВ Наримон Мансурович (тав. 1. 6. 1932, ш. Хуҷанд), муаррихи советии тоҷик, доктори илми таърих. Аз оилаи хизматчӣ. Аъзои КПСС аз с. 1967. С. 1956 фак-ти таъриху филологияи УДТ-ро хатм намуд. С-ҳои 1956—59 муаллими кафедраи таърихи СССР Ин-ти педагогии ш. Ленинобод, 1959—62 аспиранти Ин-ти таърихи АФ РСС Тоҷ., 1962—63 ходими илмии ҳамин институт. Аз с. 1977 мудири кафедраи таърихи СССР Ин-ти педагогии ш. Душанбе. С. 1963 рисолаи номзадӣ ва 1975 дар мавзӯи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши таърих, археология ва этнографияи халқҳои Помир ва атрофи он» рисолаи докторӣ ҳимоя кард. Асарҳои А. ба ҳаёт ва фаъолияти шарқшиносони рус В. В. Бартольд, М. С. Андреев, А. А. Семёнов ва диг. бахшида шудаанд. Бо медаль ва грамотаҳо мукофотонида шудааст.

АКРОБА́ТИКА (юн. akrobateō — бо пӯги пой мегардам, боло мебароям), 1) навъи машқи варзиши ҷисмонӣ аз қабили гимнастика. 2) Навъи спорт, ки гурӯҳи зиёди машқҳои гимнастикиро дарбар мегирад: ҷаҳишҳои акробатӣ, машқи омехтаи дукаса (марду зан), машқи дукасаи мардона, машқи гурӯҳии мардона (секасӣ ё чоркасӣ) ва ғ. Аз рӯи он машқҳо мусобиқаҳо мегузаранд ва мувофиқи классификацияи спортии ягонаи умумииттифоқӣ разрядҳои спортӣ дода мешавад. А.-ро дар диг. навъҳои спорт (гимнастикаи спортӣ, ҷаҳидан ба об, футбол, баскетбол, волейбол ва ғ.) низ васеъ истифода мебаранд. Дар СССР доир ба А. с. 1939 бори аввал мусобиқаи спортӣ гузаронида шуд. Аз с. 1964 ҳар сол чемпионати ҷаҳон гузаронида мешавад. Дар РСС Тоҷ. машқҳои А. аз охири солҳои сиюм расм шуд. Дар байни 120 нафар акробатҳои тоҷик 14 устоди спорт, 15 номзад ба устодӣ, 20 нафар дорандаи разряди якум ҳастанд (1976). 3) Жанри санъати цирк, ки дар саҳна чолокӣ ва зӯри мушакҳои бозигарро намоиш медиҳад. Санъати акробатӣ аз қадим боз дар Миср, Юнон, Хитой, Рим,



Бозиҳои икарӣ.

Флик-фляк.

Византия ва Японня маъмул буд. Дар Осиёи Миёна ҳам дар асрҳои миёна унсурҳои А.-ро истифода мебурданд. Намудҳои гуногуни А. ва жонглёрӣ вуҷуд доштанд. Мас., раққос — жонглёр (тосбоз, кордбоз) бо қайроқ раҳс карда, дар паси сар табақи чӯбин ё сафолро нигоҳ медорад ва охистаю моҳирона онро аз паси сар то миёнаш ба ҳаракат меоварад ва г. А. шартан ба суръатнок (динамикӣ) ва мавзун (статикӣ) тақсим мешавад. А.-и суръатнок муаллаҳ задан ва А.-и мавзун нигоҳ доштани мувозинат дар ҳолатҳои гуногун аст. Дар омезиш ҳар ду навъ композиции ягонаро ташкил медиҳанд. Унсурҳои А. дар санъати хореографӣ ва намоишҳои театр низ истифода мешаванд.

АКРОМЕГАЛИЯ (юн. akron — дасту по ва megas — бузург), беморие, ки дар натиҷаи вайрон шудани кори қисми пеши гипофиз (аденогипофиз) ба вуҷуд меояд. Ҳангоми А. номутаносиб сабзидани устухонҳои скелет, бофтаҳои нарм, узвҳои дарунӣ ва баъзе вайроншавиҳои мубодилаи зуҳур меёбанд. Одатан А. пас аз анҷоми ёфтани расиши организм ба вуҷуд омада, тадричан инкишоф меёбад ва солҳои дароз тӯл мекашад, дар натиҷаи аз меъёр зиёд ҳосил шудани гормони соматотроп (гормони рушд, ки қисми пеши гипофиз ҷудо мекунад) пайдо мешавад. Чунин вайроншавии фаъолияти гипофиз дар кӯдаки азимчуссаро (нг. *Гигантизм*) ба вуҷуд меорад. А. боиси дарди сар, хастагӣ, вайроншавии кори ғадудҳои сипаршаклу чинси, суст шудани қобилияти фикри меорад. Дар натиҷаи беморӣ панҷаи дасту по, бинӣ, лаб, маҳак, устухони сар тадричан калон (гафу паҳн) мешавад. Чоғи пеҳ нисбат ба чоғи боло ба пеш меборад.

Муолиҷа: рентгенотерапия, гормонотерапия ва гоҳе ҷарроҳии гипофиз.

АКРОПОЛЬ (Akropolis) (юн. akros — баланд ва polis — шаҳр), урф ва ҳисори шаҳр дар Юнони Қадим. Одатан дар атрофи А. шаҳри ба ном поёнӣ баъд ёфта, тараққӣ мекард. Ҳангоми ҷанг аҳолӣ дар А. панаҳ меёфт. Дар А. одатан ҳайкалҳои ҳунарҳо — муҷассамаи ҳомиёни шаҳр меистод. Аз харобаҳои А. (*Микен, Афина, Аргос*) нишонаҳои тамаддуни гузашта бисёр ёфт шудаанд. А.-и Афина (а. 5 то м.) неботарини ин ҳо буд, ки ёдгориҳои машҳури санъати меъморӣ ва муҷассамаҳои он то имрӯз боқӣ монда, қисмаи зиёди онро дар музеи Британия маҳфуз аст. Ҳоло А.-и Афина музеи археологист.

Акрополи Афина.

АКС (ар. عكس — зид, чаппа), аз санъатҳои лафзии шеъри форс-тоҷик буда, миснаи аввал ба ду ҳиссаи баробар тақсим мешавад ва дар натиҷаи ивоз шудани ин ҳиссаҳо миснаи дуюм ба даст меояд:

Дилбари ҷонони ман, бурд дилу ҷони ман,
Бурд дилу ҷони ман, дилбари ҷонони ман.
Ҳофиз.

Ҳамин ивоз шудани ҳиссаҳои миснаро ба назар гирифта, баъзан ин санъатро т а б д и л ҳам меноманд. А. навъҳои гуногун дорад. Ҳарчанд санъати А. аз такаллуфоти шеърист, дар эҷодиёти бузургтарин шоирони классик ва суханвароии советии тоҷик истифода шудааст:

Сари расвой сари ман дорад,
Сари ман дорад сари расвой.
Сари савдой ба кучо монам?
Ба кучо монам сари савдой?
С. Айнӣ.

Ад.: З е х н й Т., Санъати сухан, Д., 1967. *С. Давронов.*

АКСЕЛЬРОД (тахал. Ортодокс) Любовь Исааковна (1868—5. 2. 1946), файласуф ва адабиётшиноси рус. Фаъолияти революционӣаш аз с. 1884 сар шудааст. С-ҳои 1887—1906 дар муҳоҷират буда, 1892 ба гурӯҳи марксистии «Озодкунии меҳнат» дохил шуд. Дар қатори *Г. В. Плеханов* фаҳмиши материалистии таъриҳро ҳимоя карда, бар зидди «иқтисодчиҳо» ва назарияи дониши неокантчиҳо мубориза бурдааст. А. дар баёни фалсафаи марксистӣ ба *агностицизм* ва *релятивизм* майл карда, назарияи ғайриилмии иероглифҳоро тарафдорӣ мекард. Китоби В. И. Ленин «Материализм ва эмпириокритицизм»-ро танқид кардааст. С. 1903 А. ба меньшевикон ҳамроҳ шуда, 1917 аъзои КМ меньшевикон, аъзои гурӯҳи «Ногонагӣ»-и Плеханов буд. С-ҳои 1921—23 дар Ин-ти профессурааи сурх дарс дода, баъдтар дар Ин-ти фалсафаи илмии ассоциацияи ин-тҳои илмии тадқиқоти россиягии АФ СССР (РАНИОН) ва Академияи давлатии илмҳои бадеъ кор кардааст. А. с-ҳои 20-ум намояндаи гурӯҳи «механистҳо» буд. Дар охири умраш ба тадқиқи масъалаҳои социологии санъат машғул шуд.

АКСЕЛЬРОД Павел Борисович (1850—1928, Берлин), яке аз пешвоёни *меньшевизм*. Дар Ун-ти Киев таҳсил кардааст. С-ҳои 70-уми а. 19 халқчӣ, аз с. 1883 аъзои гурӯҳи марксистии «Озодкунии меҳнат». Аз с. 1900 яке аз муҳаррирони «Искра» ва «Заря». С-ҳои 1883—1903 дар таргиби марксизм як қатор асарҳо навишт, ки дар онҳо идеализациям демократияи буржуазӣ ва фаъолияти парламентии партияҳои с.-д.-ии Европаи Ғарбӣ зоҳир шуд. Баъди Съезди 2-юми РСДРП (1903) яке аз идеологҳои меньшевизм, душмани большевикон. С. 1905 идеяи зиддимарксистии ба ном «съезди коргарӣ»-ро пешбарӣ намуд. Дар Съезди 4-уми муттаҳидкунандаи РСДРП (1906) бо идеяи оппортунистии оид ба ҳамкории пролетариату буржуазия баромад кард. Дар солҳои реакция роҳбари идеяҳои *ликвидаторҳо;* дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ — социалшовинист. С. 1917 аъзои Комитаи Совети Петроград. Ҳукумати муваққатии буржуазиро фаъолона дастгирӣ менамуд. Баъди Рев. Октябрь — муҳоҷир. Яке аз пешвоёни Интернационали II, тарафдори реформизм, душмани Ҳокимияти Советӣ, ҳомии интервенцияи ҳарбӣ.

АКСЕНОВ Владимир Викторович (с. тав. 1935, деҳаи Гиблицаи р-ни Касимови вил. Рязань), лётчик-кайҳоннаварди СССР, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1976). Аъзои КПСС аз с. 1959. Пас аз хатми техникуми мошинсозӣ с. 1953 курсанти мактаби ҳарбии авиационӣ ва баъд курсанти Омӯзишгоҳи ҳарбии авиационии Чугуев гардид. А. с. 1957 дар бюрои конструктори ба кор шӯрӯъ кард. Ин-ти гомбоиаи политехникии умумиттифоқиро хатм кард (1963). 15 сент. 1976 якҷоя бо В. Ф. *Быковский* дар киштии кайҳонии «*Союз-22*» ба мадор баромад. Пас аз анҷоми программаи парвоз 23 сент. 1976 ба замин баргашт. Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст (1976).

АКСИ ОЙНАВӢ, табдили фазо нисбат ба ҳамвории α аст, ки ба нуқтаи P-и ҳамвории α нуқтаи P-и тарафи дигар-и α мувофиқ меояд, яъне ҳамвории α ба порчаи PP' перпендикуляр шуда, аз миёнаи он мегузарад. А. о. нуқтаҳои ҳамвории



α-ро беҳаракат мегардонад. Ниг. *Симметрия.*

АКСИ САДО́, аз ягон монеа инъикос шудани импульси садо ё радиоимпульс, ки бозгашт ба манбаи импульс равон шудааст. Гӯш А. с.-ро аз садои асл дар сурате фарқ карда метавонад, ки агар таъхири он аз 0,05—0,06 сон. кам набошад. Аз монеа акс ёфтани мавҷҳои электромагнитӣ дар *радиолокация*, мавҷҳои садо (ультрасадо) дар *гидролокация* ва дефектоскопияи ультрасадой, мавҷҳои зилзила дар ҷустуҷӯи сарватҳои зеризаминӣ истифода мешавад.

АКСИО́МА (юн. axioma — сазоворшуда, нуктаи қабулшуда), м у с а л л а м а, нуктаи баъзе назарияҳои муайян, ки ҳангоми ба таври дедуктивӣ сохтани он ин нукта бе исбот, ба сифати асос ва мабдаъ қабул мешавад. Нуктаи мазкур дар айни замон асоси исботи мулоҳизаҳои дигари ин назария мешавад. Одатан ба сифати А. чунин муҳокимаҳои назарияи тадқиқшаванда интихоб мешаванд, ки ё ҳақиқати маҳзанд ё дар доираи назарияи мазкур ҳақанд. Мас., муҳокимаи аз ду нуқта танҳо як хати рост гузарондан мумкин аст, яке аз А.-ҳои геометрияи Евклид мебошад (ниг. *Геометрияи Евклид*). Истилоҳи А. бори аввал дар асарҳои Арасту истифода шуда, минбаъд ба воситаи асарҳои пайравону шореҳони Евклид дар геометрия маъмул мегардад. Дар асрҳои миёна ҳукмронии фалсафаи Арасту боиси ба соҳаҳои диг. илм ва ба воситаи он ба ҳаёти ҳаррӯза татбиқ шудани А. гардид. Нуктаи умумиеро, ки ба куллӣ возеҳ буда, ба исбот ҳоҷат надорад, А. меномидагӣ шуданд. Моҳияти ин возеҳиятро, бино ба ақидаи Афлотун, дар фитрӣ будани ҳақиқатҳои асосӣ (монанди А.-ҳои математикӣ) медиданд. Таълимоти *Кант* дар бораи априорӣ будани А.-ҳои математикӣ (яъне онҳо нисбат ба ҳама гуна таҷриба муқаддам буда, аз вай вобаста нестанд) нуқтаи олии чунин ақидаҳо оид ба А. буд.

Системаи А.-ҳо, ки барои асоснок кардани назарияҳои математикӣ таҳкурсии мантиқӣ мебошад, ҳаргиз анҷомёфта нест, ҳамеша тағйиру такмил меёбад. Кашфи геометрияи ғайриевклидии Н. И. Лобачевский ба ғояи тағйирнопазир ва «априорӣ» донистани А. зарба зад.

В. И. Ленин ақидаҳои Гегельро оид ба А.-и мантиқӣ танқид карда, навишта буд: «...фаъолияти амалии инсон миллиардҳо бор мебоист шуури инсонро ба такрори фигураҳои гуногуни мантиқӣ оварда мерасонд, то ки ин фигураҳо маънои аксиомаҳоро пайдо карда тавонанд». (Асарҳо, ҷ. 38, саҳ. 190). Маҳз таҷрибаи чандинасраи инсоният, амалия ва таҷрибаи инкишофи илм сабаби возеҳияти А. буда, ҳамчун ҳақиқат ба исбот ҳоҷат надорад. Инкишофи минбаъдаи мафҳуми А. ба такомули аппарати мантиқи математикӣ вобаста аст.

АКСО́Н (юн. áxōn—меҳвар), н е й р и т, шохаи дарози ҳуҷайраи асаб (нейрон), ки таъсирро аз узвҳои периферӣ ба системаи асаби марказӣ ва баръакс, аз системаи асаби марказӣ ба узвҳо ё аз як узв ба узви диг. мегузаронад. Диаметри А. хеле хурд буда, дарозии он то 1 м ва зиёда мешавад. А. дар интиҳояш шохаҳои решашакл дорад, ки онҳо як нейронро бо нейрони диг. ба воситаи пайвандакҳои (контактҳои) синаптикӣ ё синапсҳо пайванд мекунанд. Маҷмӯи А.-ҳо торҳои асабро ташкил медиҳад.

АКСОНОМЕ́ТРИЯ *(аксон* ва *...метрия)*, қисми геометрияи тасвирӣ буда, инъикоси шаклҳои геометриро якҷоя бо системаи координатаҳо меомӯзад. Нақшаҳои аксонометрӣ назар ба дигар усулҳои тасвири предметҳо (мас., проекцияҳои ортогоналӣ, перспектива) хеле аёнанд. Барои проекцияҳои аксонометриро сохтан ягон предметро (мас., дар расм бисьёррӯяи *Ф*) якҷоя бо системаи координатаҳо ба ҳамвории аксонометрӣ (*П'*), ки ба меҳварҳои ко-



ординатаҳои аслӣ (*X, У, Z*) моил мебошад, проекция мекунанд.

Дар ҳамвории $П_2$ проекцияи ортогоналии бисьёррӯя акс гардида, дар ҳамвории *П'* проекцияи аксонометрии он тасвир ёфтааст, ки дар бораи шакли фазоии предмет тасаввуроти пурра медиҳад. Ниг. *Геометрияи тасвирӣ.* *Т. Қ. Ҷӯраев.*

АКСУЛҶАРАЁНҲО́И БАЙНИПАССАТӢ́, ҷараёнҳои сатҳи баҳрӣ дар арзҳои назди экватории уқ-ҳои Атлантик, Ором ва Ҳинд. Самти ҳаракати А. б. аз Ғ. ба Ш.; суръати онҳо дар Ғ. 2—3 км/соат, дар Ш. 1—2 км/соат. Дар уқ. Ором А. б. доимӣ буда, дар уқьёнусҳои диг. мавсимӣ мебошанд.

АКТ (лот. actus—ҳаракат, actum—ҳуҷҷат), 1) кор, амал; 2) нишондод, протокол, ҳуҷҷати махсус, қайд, акти юридикӣ, акти ҳолати граждани, акти органҳои роҳбарикунандаи давлат ва ғ.; 3) мусиқии байни қисмҳои спектакль; 4) пардае аз спектакль.

АКТИ ДАВЛАТӢИ ИСТИФОДАИ ДОИМӢИ ЗАМӢН, ҳуҷҷати ҳуқуқи истифодаи замин. Дар ин ҳуҷҷат андоза ва ҳудуди замин, ки дар асоси корҳои заминсозӣ муайян шудааст, нишон дода мешавад. Мувофиқи мод. 62 Кодекси оид ба замини РСС Тоҷ. заминҳое, ки ба колхоз дар асоси акти давлатӣ барои истифодаи абадӣ дода шудааст, аз заминҳои истифодаи умумӣ ва наздиҳавлӣ иборатанд. А. д. и. д. з. ба артельҳои х. қ., ки устави онҳо дар комитетҳои иҷроияи Советҳои депутатҳои халқӣ қайд гардидааст, дода мешавад. Намунаи А. д. и. д. з. дар Иттифоқи Советӣ ягона буда, бо қарори СКХ СССР 7 июли с. 1935 тасдиқ шудааст. А. д. и. д. з. аз тарафи органи респ-вии заминсозӣ 2 нусха тартиб дода шуда, ба он раиси комитети иҷроияи районии (шаҳрии) Совети депутатҳои халқӣ ва сармутахассиси (мутахассиси калони) корҳои заминсозии район имзо мегузорад. Нусхаи якумаш ба правлениями артели х. қ. дода шуда, нусхаи дуюмаш бо имзои раиси артели х. қ. дар шӯъбаи заминсозии район маҳфуз дошта мешавад. *А. Тӯлабоев.*

АКТИ ДИПЛОМАТӢ, матни хаттие, ки ба органҳои алоқаи хориҷии як давлат аз тарафи органҳои алоқаи хориҷии давлати диг. супорида ё фиристода мешавад. Навъҳои маъмули А. д. *нота, меморандум,* номаи расмӣ, ёддошт ва ғ. мебошад.

АКТИ МАЪМУРӢ, акти ҳуқуқие, ки дар СССР аз тарафи органи идоракунии давлат оид ба масъалаҳои муайян ва ҷудогона қабул мешавад (қарор, фармон, фармоиш, дастуруламал ва ғ.). А. м. нормаҳои ҳуқуқиро дарбар нагирифта, балки барои муайян намудан, тағйир додан ё қатъ кардани муносибатҳои конкретии ҳуқуқӣ равона шудааст. Фарқи А. м. аз акти нормативӣ дар ҳамин аст. А. м. бояд: 1) аз тарафи органи дахлдоре, ки ба ҳал кардани ин масъала ҳуқуқ дорад, бароварда шавад; 2) ба қонун ё диг. акти нормативӣ мувофиқат кунад; 3) ба манфиати давлат ва граждан на фақат расман, балки моҳиятан муқобил набошад; 4) шакли муайян (одатан хаттӣ) дошта бошад. А. м. бояд дар сари вақт ба маълумоти иҷрогарон ва шахсони манфиатдор расонида шавад. Вайрон шудани ин талабот ба бекор кардани А. м. сабаб мешавад.

АКТИ ОРГАНҲО́И ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ, дар СССР қоидаҳои умумӣ ё амрдиҳии характери ҷузъӣ дошта, ки аз тарафи намояндагони муассисаҳои Давлати Советӣ — Совети депутатҳои халқӣ бароварда мешаванд ва иҷрои онҳо ҳатмист.

Дар СССР ҳамаи органҳои ҳокимияти давлатӣ бевосита аз тарафи гражданиҳо интихоб мешаванд. Дар онҳо иродаи интихобкунандагон мураттаб ва мустаҳкам мегардад. Тартиби баровардани А. о. х. д.-ро Конституцияи СССР, конституцияи республикаҳои иттифоқию автономӣ, низомномаҳои коргарии Советҳои Олӣ, Низомномаи Советҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ муайян мекунад. Актҳои органҳои болоӣ аз актҳои органҳои маҳаллӣ фарқ мекунанд. Мас., ба компетенцияи Совети Олии СССР қабул кардани Конституцияҳо, даровардани тағйирот ва баровардани қонунҳо дохил мешавад. Конституция характери таъсиси ва қувваи олитарини юридикӣ дорад, яъне ҳамаи қонунҳо ва диг. актҳои ҳуқуқӣ бояд бо он мувофиқат кунанд. Баъзе Конституция қонунҳо қувваи олии юридикӣ мегиранд, ки онҳоро фақат Совети Олӣ қабул ва бекор карда метавонад.

Органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, кишварӣ, вилоятӣ, округӣ, райони, шаҳрӣ ва Советҳои маҳаллӣ дар доираи ҳуқуқҳое, ки ба онҳо қонунҳои СССР, республикаҳои иттифоқӣ ва автономӣ додаанд, қарор мебароранд.

АКТИ ЮРИДИКӢ, ба маънои пурраи ибора ҳуччате, ки аз тарафи органҳои давлатӣ, шахсони вазифадор ё бо супориши ташкилотҳои давлатию ҷамъияти дар доираи ҳуқуқашон бароварда шудаанд ва ҳуқуқ ва ҳатмиятро А. ю. дар шакли муайяни қонунӣ бароварда мешавад. Мас., қонун, қарор, фармон, нишондод, ҳукм, амр ва г. 2) А. ю. ҳиҷуниҳои ҳуччатҳои гуногунест, ки дар доираи муайянкардани қонун тартиб дода мешаванд (мас., акти фалокати нақлиёти дар истеҳсолот, протоколи маъмурӣ, акти ҳолати граждании, тафтишу экспертиза, ҳуччатҳои нотариалӣ ва г.). Акти нормативӣ акти органҳои давлатӣ буда, аз тарафи намояндагони маъмурии он органҳо бароварда шуда, нормаҳои ҳуқуқиро дарбар мегирад. А. ю. яке аз шаклҳои ифодаи ҳуқуқ — сарчашмаи ҳуқуқ буда, фарқи он аз акти нормативӣ ҳамин аст. *С. Р. Рахимов.*

АКТИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН, ҳуччати ҳуқуқии истифодаи замин. Дар ин ҳуччат андоза ва ҳудуди замин дар асоси ҳуҷҷатҳои заминсозӣ аниқ нишон дода мешавад. А. ҳ. и. з. ба с.-ҳ. корхонаҳо, корхонаҳои саноатӣ, артелҳои истеҳсолӣ, шаҳрҳо, посёлкаҳои типи шаҳрӣ, муассисаҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва ҳизбиро (ғайр аз артелҳои х. қ.) барои заминҳое, ки мувофиқи қонуни замин ба истифодаи онҳо гузошта шудаанд, дода мешавад. А. ҳ. и. з. аз тарафи органҳои заминсозӣ ду нусха мувофиқи намунаи ягонае, ки Президиуми ҲК СССР 1956 таъсиф намудааст, тартиб дода шуда, ба он раиси комитети ичроияи районӣ (шаҳрӣ)-и Совети депутатҳои халқ ва сармутахассиси корҳои заминсозии район имзо мегузоранд. Нусхаи якум ба истифодабарандаи замин дода шуда, нусхаи дуюм бо имзои истифодабаранда дар шӯъбаи заминсозии район маҳфуз дошта мешавад. *А. Тӯлабоев.*

АКТИВ (лот. activus — фаъол), яке аз ду тарафи баланси бухгалтерӣ, ки дар он маблағу воситаҳои корхона мувофиқи роли онҳо дар процесси такористеҳсол нишон дода мешавад. А.-и фасли «А» баланси фаъолияти асосии корхонаҳои истеҳсолӣ, воситаҳои асосӣ ва диг. маблағгузориҳои ғайригардонро; фасли «Б» воситаҳои гардони меъёрдор (захираҳои истеҳсолӣ, маҳсулоти нимтайёр, маҳсулоти тайёр ва г.); фасли «В» воситаҳои гардони бемеъёр (пул, молҳои ба харидор фиристодашуда, қарзи дебиторӣ); фасли «Г» маблағгузорӣ; фасли «Д» хароҷотро ба саршумори умумии чорвои асосӣ (дар корхонаҳои х. қ.) нишон медиҳад.

АКТИНИЙ (Actinium), Ac, элементи химиявии гурӯҳи III-и системаи даврии Менделеев, рақами ат. 89, изотопҳои собит надорад. С. 1899 химики франсавӣ А. Дебьерн аз партови маъдани уран ёфтааст. Изотопҳои радиоактиви А. бо массаи ат. аз 221 то 230 вуҷуд доранд. Изотопи нисбатан собиташ ^{227}Ac (давраи нимкоҳишаш $T^1/_2$ = 21,8 сол). А. дар қишри Замин хеле кам. Изотопҳои ^{227}Ac ва ^{228}Ac дар табиат дар маъданҳои уран ва торий чун ҷузъи элементҳои радиоактив дучор мешаванд. А. металли сафеди нуқратоб, t гуд. 1050±50° С. А. дар пайвастҳояш 3-валента. Дар ҳаво бо тезӣ оксид шуда, дар кислотаи хлорид ва нитрат ҳал мешавад. Хосияти химиявиаш чун *лантан*. Миқдори муайяни А. бо роҳи радийро бо нейтронҳои ^{226}Ra, ^{227}Ra нурборон кардан ҳосил мешавад. А. захри хавфноки радиоактив аст. Омехтаи ^{227}Ac ва бериллий барои тайёр намудани манбаъҳои нейтрони истифода мешавад.

АКТИНИЯҲО (Actiniaria), гурӯҳи организмҳои баҳрии рӯдаковок, аз синфи *полипҳои марҷонӣ* (Anthozoa). Якка, баъзан гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ мекунанд. Бадани цилиндршакли ҳалтанамо (диаметрашон аз якчанд мм то 1,5 м) доранд. Асоси қисми поёнии А. сермушак буда, ба воситаи он оҳиста-оҳиста ҳаракат мекунанд. Даҳони А. дар қисми болоии бадан воқеъ буда, бо хассосакҳо иҳота шудааст. Бештар дар обҳои тропика ва субтропика маҷчуланд; дар СССР дар б. Сиёҳ, баҳрҳои Шимолӣ ва Шарқи Дур вомехӯранд. А. даррандаанд. Моҳича ва диг. организмҳои майдаро бо хассосакҳои худ доштаи меҳӯранд.

АКТИНО... (юн. actis—шуоъ), қисми таркибии калимаҳои мураккаб буда, мансубиятро онҳоро ба шуоъ, шуоъафканӣ, энергияи шуоъ ва г. ифода мекунад. Мас., *актинолит*, *актинометрия*.

АКТИНОБАЦИЛЛЁЗ (аз *актино...* ва лот. bacillus — бацилла), проактиномикоз, псевдоактиномикоз, касалии сироятии ҳайвонот. А. дар шакли ҷароҳати фасодноки бофтаҳои нарми сар (забон, лаб, рӯй), гардан ва рагҳои лимфавӣ зоҳир мегардад. Ба ин касалӣ бештар гов, хук ва оҳу гирифтор мешавад. Ангезандаи А. занбӯруги микроскопии Proactinomyces lignieresi мебошад, ки асосан бо хӯрок ва бофтаҳои осебдида ба ҳайвони солим сироят мекунад. А.-и одам хеле кам дучор меояд.

Муолиҷа: истифодаи йод, пенициллин, окситетрациклин ва г.

Ад.: Спесивцева Н. А., Микозы и микотоксикозы, М., 1964.

АКТИНОИДҲО, актиниДҳо, 14 элементи химиявии гурӯҳи III, даври 7-и системаи даврии Менделеев (баъд аз *актиний*), ки хосиятҳои шабеҳи химиявӣ доранд. А. бо рақами ат. (Z) аз 90 то 103 (*торий*, *протактиний*, *уран*, нептуний, *плутоний*, америций, кюрий, берклий, калифорний, эйнштейний, фермий, менделевий, элементи 102 ва лоуренский) маълуманд. А. радиоактиванд ва изотопҳои собит надоранд. Аз А. танҳо торий ва уран изотопҳои табиӣ доранд. Дар табиат ғайр аз торий ва уран боз як актиноид — протактиний вомехӯрад. Миқдори ниҳоят ками нептуний ва плутоний дар баъзе маъданҳои радиоактивӣ ёфт шудаанд. Азбаски суръати калони кохиши радиоактивӣ доранд, ҳамаи изотопҳои онҳо кайҳо вайрону нест шуда, дар қабатҳои Замин ба диг. элементҳо табдил ёфтаанд. Аксарияти А. с-хои 40-и в. 20 бо роҳбарии химики америкӣ Г. Т. Сиборг бо роҳи сунъӣ ҳосил карда шудаанд.

Ба қадри аз уран (U) ба элементи 103 наздик шудани А. давраи нимкоҳиши онҳо ($T^1/_2$) кам мешавад. Аз ин рӯ, $T^1/_2$ изотопи ^{238}U ба 4,51 · 10^9 сол, аммо барои изотопи ^{256}103, ин собита ҳамагӣ қариб ба 45 сония баробар аст. Бинобар он миқдори А.-и алоҳида, ки захираашон ба физиҳо бо ёрии реакцияҳои ядрой муяссар гардидаанд, бо афзоиши Z-и элемент кам мешавад. Шабоҳати хосиятҳои химиявии А. бо сохти қабатҳои берунаи электронии атом муайян карда мешавад. Атомҳои А. 7 қабати электронӣ доранд. Аз Th то элементи 103 заряди ядро ва миқдори электронҳо дар атом яктой зиёд мешаванд. Аммо структураи қабатҳои берунаи — 7 ва 6-и А. тақрибан тағйир намеёбанд.

Ҳар як қабати электронии А. якчанд савия дорад, ки онҳо миқдоран ба рақами қабат вобастаанд. Мас., қабати 5-и ба ядро наздик ҷойгиршудаи атоми А. дорои панҷ савия аст ва яке аз онҳо (f — савия) 14 ҷои холӣ дорад. Электронҳои нав — аз Th то элементи 103 структураи савияҳои берунаро вайрон накарда, тадриҷан f-савияи қабати 5-ро пурра мекунанд. Бомизон бо электронҳо пуршавии қабатҳои электронии А. ба *лантаноидҳо* ҳам хос аст (ғайр аз Th, Pa, U, Np дар А. ва Ce, Pr, Nd, Pm, Sm дар лантаноидҳо). Аз ин рӯ, онҳо аз бисьёр ҷиҳатҳо ба якдигар монанданд. Изотопҳои А. дар техника ва энергетикаи ядрой васеъ истифода мешаванд. Тавсифи мухтасари чанде аз А. чунин аст:

Нептуний (лот. Neptunium), Np, Z=93. Нахустин бор изотопи ^{239}Np-ро с. 1940 дар натиҷаи бо нейтронҳо нурборон кардани уран ҳосил кардаанд. Номаш аз сайёраи Нептун иқтибос шудааст. Аз изотопҳои он ^{237}Np давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($T^1/_2 = 2{,}14 \cdot 10^6$ сол), массаи ат. 237,0428. Дар натиҷаи як қатор тағьироти радиоактивӣ аз ^{237}Np изотопи устувори ^{209}Bi ҳосил мешавад. Миқдори ками ду изотопи нептуний — ^{237}Np ва ^{239}Np дар маъдани уран ёфт шудааст. Нептунийи холис металли нуқратобу кӯфтбардор, t гуд. 640° С, зичиаш 20000 кг/м^3.

Америций (лот. Americium), Am, Z = 95. Бори аввал с-ҳои 1944—45 дар натиҷаи изотопи ^{239}Pu-ро бо нейтронҳо нурборон кардан ҳосил намудаанд. Номаш аз калимаи «Америка» иқтибос шудааст. Аз изотопҳои он ^{243}Am давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($T^1/_2 = 7950$ сол). Дар ҳолати холис металли нуқратоб; зичиаш 13670 кг/м^3, t гуд. 995 ± 4° С.

Кюрий (лот. Curium), Cm, Z=96. С. 1944 ҳангоми ^{239}Pu-ро бо α-заррачаҳо нурборон кардан синтез намудаанд. Номаш ба шарафи асосгузорони назарияи радиоактивӣ П. Кюри ва М. Склодовская-Кюри гузошта шудааст. Аз изотопҳои он ^{247}Cm давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($T^1/_2 = 1{,}64 \cdot 10^7$ сол). Cm-и холис металли ҷилодори нуқрагун; зичиаш тақрибан 13000 кг/м^3, t гуд. 1340° С. Изотопи ^{244}Cm дар «батареячаҳои атомӣ» истифода мешавад.

Берклий (лот. Berkelium), Bk, Z = 97. С. 1949 дар натиҷаи $^{241}Am_2O_3$-ро бо α-заррачаҳо нурборон кардан синтез намудаанд. Ба номи маркази илм Беркли (штати Калифорния, ШМА) гузошта шудааст. Аз изотопҳои он ^{247}Bk давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($T^1/_2 = 1380 \pm 250$ сол).

Калифорний (лот. Californium), Cf, Z = 98. Ҳангоми бо α-заррачаҳо нурборон кардани ^{242}Cm дар Калифорния кашф кардаанд (1950) ва номаш аз ҳамин ҷост. Аз изотопҳои он ^{251}Cf давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($T^1/_2$ зиёда аз 800 сол). Ғайваст-ҳои сахти он $^{249}Cf_2O_3$ ва ^{249}CfOCl нахустин бор с. 1958 синтез карда шудаанд.

Эйнштейний (лот. Einsteinium), Es, Z = 99. Бори аввал аз маҳсулоти таркиши термоядрой ҷудо кардаанд (1952). Номаш ба шарафи *А. Эйнштейн* гузошта шудааст. Аз изотопҳои он ^{254}Es давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($^1/_2 = 276$ шабонарӯз).

Фермий (лот. Fermium), Fm, Z = 100. Аввалин маротиба (1952) дар як вақт бо эйнштейний аз байни маҳсулоти таркиши термоядрой ҷудо карда, ба шарафи физики италиявӣ *Э. Ферми* номида шудааст. Ҳамаи изотопҳои Fm бо тезӣ мекоҳанд. Аз изотопҳои он ^{257}Fm давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($T\ ^1/_2 = 80$ рӯз).

Менделевий (лот. Mendelevium), Md, Z = 101. Изотопҳои собит надорад. Нахустин атомҳои онро гурӯҳи олимон бо роҳбарии А. Гиорсо ва Г. Сиборг (1955) дар натиҷаи бо α-заррачаҳо нурборон кардани ядрои изотопи ^{253}Es синтез карда, номашро ба шарафи Д. И. *Менделеев* гузоштаанд. Изотопҳои Md бо массаи ат. 252, 254—58 маълуманд. Аз изотопҳои он ^{258}Md давраи зиёди нимкоҳиш дорад ($T\ ^1/_2 = 54$ шабонарӯз).

Элементи 102. Дар бораи ҳосил кардани ин элемент гурӯҳи олимоне, ки дар Стокгольм тадқиқот мебурданд, маълумоти нахустин дода (1957), номашро «Нобелий» (лот. Nobelium, No) пешниҳод намуданд. Аммо маълумоти онҳо тасдиқ нагардид. Олимони советӣ (1963—67) бо роҳбарии Г. Н. Флёров дар бораи изотопҳои элементи 102 бо массаи ат. 251—56 маълумотҳои дақиқ дода, ба шарафи *Жолио Кюри* «Жолиотий» (лот. Joliotium, Jl) номидани онро талаб карданд. Ҳоло ин элемент ва элементи 103 поми муқаррар надоранд, аз ин рӯ дар системаи даврӣ ба қавс гирифта мешаванд. Изотопҳои элементи 102 бо массаи ат. 251—59 маълуманд; ^{259}102 ($T^1/_2$ тақрибан 1,5 соат) собиттарин изотопи элементи 102 мебошад.

Элементи 103. Оид ба синтези ин элемент бори аввал олимони америкой (А. Гиорсо ва дигг.) таҷриба гузарониданд. Натиҷаи таҷрибаи онҳо тасдиқ нагардид. Номи ба шарафи физики америкой Э. Лоуренс пешниҳод кардаи онҳо—«Лоуренсий» (лот. Lawrencium, Lr) ҳоло нигоҳ дошта мешавад. Дар Ин-ти муттаҳидаи тадқиқоти ядрои ш. Дубна с. 1965 физикҳои советӣ дар бораи изотопи ^{256}103 маълумоти дақиқ доданд. То с. 1971 изотопҳои элементи 103 бо массаи ат. 255—60 ҳосил карда шудаанд; ^{260}103 ($T\ ^1/_2$ тақрибан 3 дақиқа) собиттарин изотопи элементи 103 аст. Ниг. низ *Трансактиноидҳо*.

И. М. Носиров, Р. И. Бобохоҷаев.

АКТИНОЛИТ (аз *актино*... ва юн. lithos — санг), минерали ҷинсофарин аз гурӯҳи амфиболҳо. Таркиби химиявиаш

$$Ca_2(Mg, Fe^{\cdot\cdot})_5[Si_4O_{11}]_2(OH)_2.$$

Кристаллҳои дарози сӯзаншакл ва нахмонандаш одатан агрегатҳои шуоъшаклро ташкил медиҳанд. Рангаш сабз; ҷилояш шишагун; сахтиаш 5,5—6; зичиаш 3170—3300 кг/м^3. А. дар таркиби скарнҳо, ҷинсҳои магмавӣ ва метаморфӣ вомехӯрад. Онро ҳамчун материали ба кислота тобовар истифода мебаранд. Яке аз хелҳои А. *нефрит* ном дорад.

АКТИНОМЕТР (аз *актино*... ва юн. metreo — чен мекунам), асбобест барои чен кардани интенсивияти радиацияи Офтоб. Принципи кори А. бар ин асос ёфтааст, ки сатҳи сиёҳ кардашудаи муайян радиацияи Офтобро фурӯ бурда, энергияи онро ба гармӣ табдил медиҳад. Мас., қисми кории А.-и В. И. Михельсон (физики рус, 1905) аз лавҳаи биметаллии оҳану инвар, ки бо дуд сиёҳ карда шудааст, иборат мебошад Азбаски коэффициенти аз гармӣ васеъшавии оҳан назар ба коэффициенти *инвар* хеле зиёд аст, лавҳа аз таъсири нурҳои Офтоб то андозае каҷ мешавад. Андозаи каҷшавӣ бузургии интенсивияти рациацияи Офтобро нишон медиҳад. *Пиргелиометр* назар ба А. асбоби бештар саҳеҳ ба шумор меравад.

АКТИНОМЕТРИЯ, фасли метеорология, ки интиқол ва тағьири шуоъафканиҳои гуногунро дар атмосфера, гидросфера ва сатҳи Замин меомӯзад; ба маънои маҳдуд А. маҷмӯи усулҳои чен кардани радиацияи Замин (дар метеорология) мебошад. Озон, буғҳои об ва сатҳи Замин радиацияи Офтобро фурӯ бурда, атмосфераро гарм мекунанд. Аз тарафи диг. Замин чун ҷисми тафсида энергияи худро ба фазои атроф медиҳад. Дохил ва хориҷ шудани энергияи шуоъафкании атмосферӣ боиси тағьири иқлим ва обу ҳаво мегардад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии А. тадқиқи радиацияи мустақим, пароканда ва инъикосгаштаи Офтоб, радиацияи дарозмавҷи сатҳи Замин ва атмосфера, баланси радиационии атмосфера, табдилоти энергияи шуоъ дар атмосфера, гидросфера ва сатҳи Замин аст.

Тадқиқоти илмии актинометрӣ аз асри 17 оғоз гардида, охири а. 19 ва ибтидои а. 20 равнақ ёфт. Дар айёми мо истифодаи радифҳои маснуи Замин доираи тадқиқоти актинометриро хеле васеъ кард.

Дар Тоҷикистон аввалин мушоҳидаҳои актинометрӣ дар станцияи метеорологии Деҳҳавз (1931) гузаронда шуданд. Инчунин тадқиқоти актинометрӣ дар станцияҳои метеорологии пирьяхи Федченко (1943), дар Душанбе (1956), Қӯрғонтеппа (1964), Ҳарамкӯл (1966) ва г. идома дорад.

АКТИНОМИКОЗ (аз *актино...* ва юн. *mykes* — занбӯруг), касалии сироятии музмини одаму ҳайвон, ки дар натичаи ба организм ворид шудани *актиномицетҳо* (занбӯругҳои шуоъшакл) пайдо мешавад. Нишонаҳои А. бештар дар гардану рӯй, даҳон, қафаси сина, шуш ва шикам пайдо меоянд. Дар ҳоле, ки А. пайдо мешавад, омоси тагсахт ба вуҷуд омада, дар он фасод гӯн мешавад ва пас аз чанд вақт мекафад. Аз ҷарохат модда мебарояд, ки дар он актиномицетҳо мавҷуданд. А. дар сари вақт муолиҷа нашавад, диг. узвҳоро ҳам фаро мегирад.

Муолиҷа: *иммунотерапия, хиргурги* ва мудохилаи ҷарроҳӣ.

АКТИНОМИЦЕТҲО (Actinomicetes) занбӯругакҳои шуоъшакл, синфи махсуси микроорганизмҳо дар табиат (об, хок, бокимондаҳои ҳайвонот ва ё растаниҳо) паҳншуда, ки аз ҷиҳати сохт хусусияти занбӯругҳои содда ва бактериҳоро дорбар мегиранд. Аъзои нашвии А. аз мицелий иборат аст, ки аз он шохаҳо чун риштаҳои борики микроскопӣ ба ҳар тараф шуоъвор паҳн мешаванд (номи А. аз ҳамин ҷост). А. аз спора, ки дар аъзои спороварӣ ҳосил мешавад ва инчунин аз порчаи мицелийи нашвии афтоиш мекунанд, А. дар *мудити* [illegible] нагз месабзанд, мицелийҳои онҳо гуногунранг (бунафш, зард, кабуд, сурх, сиёҳ ва г.) мешаванд, ки баъзан бӯи ба ҳуд хос доранд. А. бештар саприфитанд, яъне аз ҳисоби моддаҳои органикии тайёр нуму мекунанд. Дар байни онҳо *патогенҳо* ва *саприфитҳо* ҳам вомехуранд. А. и паразити касалиовар низ маълуманд. Мас., А. е, ки ба организми одаму ҳайвонот ворид шуда, паразити мекунанд, *актиномикоз* ном доранд ва А. е, ки дар растаниҳо паразити мекунанд, касалии чӯрубакро ба вуҷуд меоранд. А. дар процесси афтоиш ва нуму моддаҳои биотикӣ, антибиотикӣ ва ферментҳо синтез мекунанд. Аз онҳо стрептомицин, биомицин, терамицин ва дигар антибиотикҳои маъмуд, витаминҳо (мас., витаминҳо B_{12}), баъзе аминокислотаҳо, моддаҳои рӯшнидиҳандаи растаниҳо ва ҳайвонот, *ферментҳо* ва диг. моддаҳои биотикиро ҳосил мекунанд.

Дар РСС Тоҷ. олимоне Ин ти ҳокимиятии Вазирати ҳифзи саломатии ҷумҳурӣ таъсиси [illegible] А.-ро ҷиддӣ медиҳанд. *И. Ф.*

АКТУАЛИЗМ дар геология (лот. *actualis* — ҳозира, ҳаёти) усули омӯзиши табиаташ таъриҳи инкишофи Замин. Нуктаи А. чунин аст: «Ҳозиро — калиди фаҳмиши гузашта». А. ба ин ақида қарор гирифтааст, ки процессҳои геологии ҳозираамал, шароити содиршавӣ ва натичаи он ба процессу ҳодисоти давраҳои гузашта геологӣ монанд аст. Аз ин рӯ, таҳшинҳои ҳозира, маҳсулоти оташфишонии вулқонҳои амалкунанда, рельеф ва г.-ро омӯхта, бо роҳи муқоиса бо ҷинсҳои дар гузашта пайдошуда (таҳнишастҳои органикӣ, ҷинсҳои вулқонӣ, рельеф ва г.), процессҳои геологӣ ва шароити табиию географии давраҳои гузашта геологиро тахминан муайян менамоянд. Азбаски Замин доимо дар инкишоф аст, процессҳои геологии ҳозираро гузаштаро айнан монанд кардан мумкин нест, баъзе процессҳо танҳо барои давраҳои муайяни геологӣ хосанд (мас., пайдоиши кварцитҳои оҳандори токембрий, пайдоиши бӯри давраи Табошир ва г.). Процессҳои геологии замони ҳозираро бо процессҳои гузашта айнан муқоиса кардан ба тафаккури метафизикӣ хос аст.

Аввалин тасаввуроти роҷеъ ба А. дар ибтидои ташаккули дониши инсон дар асотири қадим, ривоятҳои Таврот, асарҳои натурфилософии дунёи қадим пайдо шуда буд. А. минбаъд барои баён кардани ҳодисаҳои геологӣ, аввал ба таври ҷузъӣ (дар Осиёи Миёна Ибни Сино, Беруни — а-ҳои 10—11, дар Италия Леонардо да Винчи — а-ҳои 15—16 ва диг.) ва дертар — дар миёнаҳои а. 18 (дар Россия М. В. Ломоносов, дар Брит. Кабир Ҷ. Геттон ва диг.) васеътар татбиқ ёфт. Дар а. 19 олими англис Ҷ. Лайель А.-ро чун усули омӯзиши таъриҳи геологии Замин тавсия намуд, вале аз рӯи ақидаи ӯ процессҳои геологӣ бо мурури замон гӯё айнан такрор мешаванд. Чунин ақидаи нодуруст ҳолоҳам дар байни баъзе геологҳои хорҷӣ вуҷуд дорад. Геологҳои советӣ (А. Д. Архангельский, Н. М. Страхов ва диг.) А.-ро дар асоси материализми диалектики инкишоф дода, дар соҳаҳои гуногуни фанни геология истифода мебаранд.

АКТҲОИ ОРГАНҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ, дар СССР шакли юридикии амали гардонидани ваколати иҷроия ва амрдиҳандаи органҳои давлатӣ. Ба воситаи ин актҳо органҳои идоракунанда дар доираи ҳуқуқи ҳуд, дар асоси қонунҳо ва барои иҷрои онҳо муносибатҳои ҷамъиятиро ба тартиб медароранд, иҷрои супоришҳои планиро ба роҳ монда, ба иҷтиҳодҳо роҳбарӣ менамоянд, мониятҳои ҷамъиятию шахсӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гражданиҳоро ҳимоя мекунанд, чорабиниҳои мустаҳкам намудани мудофиаи СССР-ро ба амал баровардаанд, тартиботи ҷамъиятиро ба аминиятҳо давлатиро нигоҳ медоранд. Қонун ва указҳои Президиуми Совети Олии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ актҳои органҳои ҳокимиятҳо давлатиро мебошанд. А. о. и. д. характери юридикӣ — фармонро доштаанд, иҷрои онҳо ҳатмиаст. Мувофиқи Конституцияи СССР, конституциҳои республикаҳои иттифоқию автономӣ органҳои идоракунии давлатии СССР, республикаҳои иттифоқию автономӣ (Совети Вазирон) ҳуқуқ доранд, ки амр диҳанд ва қарор қабул кунанд; органҳои идоракунии соҳавӣ — фармон ва дастур; органҳои идоракунии маҳаллӣ (комитетҳои иҷроияи Советҳои депутатҳои халқӣ) — қарору фармон бароварда метавонанд. А. о. и. д. бояд дар асоси иҷрои қонун бароварда шаванд, лекин онҳо ҳуқуқ надоранд, ки қонунро тағйир диҳанд ё бекор кунанд. А. о. и. д. барои ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ шудани муносибатҳои ҳуқуқӣ, дар органҳои судӣ, суд, арбитраж ва корҳои маъмурӣ далели ҳуқуқӣ шуда метавонанд, инчунин барои нашр намудани диг. актҳои идоракунӣ ё бастани аҳдҳои граждани-ҳуқуқӣ асос мебошанд. Акти идоракунӣ аз лаҳзаи дар матн нишон додашуда ё ба иҷрокунандагон расонидан ба қувва медарояд. Чун қоида А. о. и. д. амали акс надорад. Қонунӣ будани А. о. и. д.-ро органҳои болоии идоракунӣ ва органҳои прокуратура назорат мекунанд.

АКТҲОИ ҲОЛАТИ ГРАЖДАНӢ, қайд ё баҳисобгирии таваллуд, вафот, акди никоҳ, бекор кардани никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падарӣ, диг. кардани ном, номи падар ва фамилия дар органҳои давлатии қайди актҳои ҳолати граждани. Мувофиқи қонун барқарор, тағйир ва аз эътибор соқит шудани муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки аҳамияти амалӣ доранд, бо А. ҳ. г. алоқаманд мебошанд. Дар СССР қайди актӣ бо декрети СКХ (аз 19 дек. 1917) ҷорӣ гашта, бо ҳамин декрет органҳои ЗАГС ташкил шудаанд. А. ҳ. г.-ро дар шаҳрҳо ва маркази районҳо бюроҳои (шӯъбаҳои) қайди А. ҳ. г.-и комитетҳои иҷроияи Советҳои районии (шаҳрии) депутатҳои халқӣ, дар қишлоқу посёлкаҳо комитетҳои иҷроияи Советҳои қишлоқию посёлкавии депутатҳои халқӣ қайд мекунанд. Онҳо қайди А. ҳ. г.-ро ислоҳ ва аз эътибор соқит, қайдҳои гумшударо барқарор мекунанд ва такрории шаҳодатномаҳо медиҳанд. Агар дар байни шахсони манфиатдор баҳс бошад, қайд дар асоси қарори суд ислоҳ карда мешавад.

АКӮСТИКА (юн. *akustikos* — шунавоӣ), фасли физика буда, ҳодисаҳои садо (пайдоиш, паҳншавӣ, фурӯбарӣ ва инъикоси садо дар газ, моеъ ва ҷисмҳои сахт) ва алоқаманди онҳоро бо ҳодисаҳои диг. физикӣ меомӯзад.

Қонунҳои паҳншавӣ ва инъикоси садо аз замони Евклид маълуманд. Дар а. 17 вобастагии байни баландии тон ва адади лаппиш муайян карда шуд. Г. *Галилей* ва М. Мерсенн (1588—1648) паҳншавии мавҷҳои садоро дар ҳаво шарҳ доданд ва бори аввал суръати паҳнша-

вии садоро чен карданд. *Торичелли* дар вакуум (фазои беҳаво) паҳн нашудани садоро исбот намуд. А. аз охири а. 17 то аввали а. 20 чун фасли механика дар асоси механикаи И. *Ньютон* тараққӣ кард. *Ҷ. Рэлей* бо асари худ «Назарияи садо» (1877) ба инкишофи А.-и классикӣ асос гузошт.

А.-и муосир ба А.-и умумӣ, А.-и молекулавӣ, А.-и физиологӣ, А.-и мусиқӣ, *электроакустика, гидроакустика,* А.-и атмосфера, А.-и ҳарбӣ, А.-и меъморӣ ва бинокорӣ ҷудо мешавад. А.-и умумӣ назария ва амалияи қонунҳои пайдоиш, паҳншавӣ, фурӯбарӣ ва қабули мавҷҳои садо, инчунин усулҳои ченкуниҳои акустикиро меомӯзад. Барои ҳосил шудани садои бардавом такрори сершумори лаппиш лозим аст, ки ин бо роҳи аз энергия мунтазам таъмин намудани манбаи лаппиш ба амал омада метавонад. Лаппиш бо амплитуда, адад, давр ва шакли лаппиш ифода мешавад. Мавҷи садоро бо дарозии мавҷ, суръати паҳншавӣ ва энергияи он ифода мекунанд.

А.-и молекулавӣ таъсири сохти молекулавии моддаро ба паҳншавӣ ва дисперсияи ультрасадо дар газҳо, моеъҳо ва ҷисмҳои сахт меомӯзад. *Ультрасадо* на фақат воситаи тадқиқот, балки аслиҳаи тавонои таъсир ба модда низ ҳисоб меёбад. Г. Гельмгольц (1863) дар асоси назарияи резонаторҳо назарияи узви сомеа (гӯш)-ро чун аппарати шунавоӣ эҷод кард, ки минбаъд асоси А.-и физиологӣ ва А.-и мусиқӣ гардид.

А.-и физиологӣ омӯзиши масъалаҳои садоафканӣ ва садоқабулкунии узвҳои инсону ҳайвон, таъсири садо ба организм ва ғ.-ро дар бар мегирад. Мафҳумҳои асосии А.-и физиологиро Г. *Ом* ва Г. *Гельмгольц* ба вуҷуд оварданд. А.-и мусиқӣ хусусияти садоҳои мусиқӣ ва садоҳои ҷарангосиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Аз ҷиҳати баландию пастӣ мураттаб сохтани садо системаи садо (мусиқӣ)-ро ташкил медиҳад, ки он бо диапазони садо ифода мегардад. Электроакустика ба таҳқиқи масъалаҳои табдили энергияи садо ба энергияи электр ва баръакс, энергияи электр ба энергияи садо, сабти садо, акустикаи бино ва техникаи ультрасадо машғул аст. Баъди ихтироъ телефон (А. Белл, 1876) ва фонограф (Т. Эдисон, 1877) алоқаи телеграфӣ ба вуҷуд омад. С. 1901 сабти магнитии садо ва кинои овоздор пайдо шуд. Баъди ихтироъ лампаи электронӣ электроакустика бо суръат тараққӣ кард. А.-и атмосфера ва гидроакустика паҳншавии садоро дар муҳитҳои ғайрияқҷинса ва табақанок меомӯзад. Мас., дар баҳр, ки муҳити ғайрияқҷинса аст, мавҷҳои садо инкисору инъикос меёбанд ва фурӯ бурда мешаванд, ки ин дар масофаҳои калон аниқ кардани мавқеи киштиҳоро душвор мегардонад. Чунин ҳодисаҳо дар атмосфера низ ҷой доранд. Дар нимаи аввали а. 20 талаботи техникаи ҳарбӣ боиси инкишофи нави акустика гардид. А.-и ҳарбӣ масъалаҳои бо ёрии садои аксшуда аниқ кардани мавқеи душман, самти парвози самолётҳо, вазъият ва суръати киштиҳои зериобӣ, масофаи онҳо аз нуқтаи мушоҳида, ҷой, вақт ва характери таркиш ва ғ.-ро дар бар мегирад. Аз ҷумла, *радиолокация* ва пеленгация дар кори ҳарбӣ васеъ татбиқ мешавад. Ҳоло заврақҳои зериобӣ, самолётҳо, минаҳои акустикӣ бо ёрии ультрасадо идора карда мешаванд.

У. Сэбин с. 1900 ҳодисаи *реверберация* ва параметрҳои садогузаронии материалҳои бинокориро тадқиқ карда, ба акустикаи меъморӣ асос гузошт. Вазифаи А.-и меъморӣ ва бинокорӣ аз омӯзиши масъалаҳои паҳншавӣ, инъикос ва фурӯбарии садо дар биною қасрҳо, театру студияҳои радиошупавонию телевизион ва масъалаҳои садогардонию садопасткунии бинову иншоот иборат аст.

Дар Тоҷикистон тадқиқоти соҳаи А.-и молекулавӣ таҳти роҳбарии А. *Адҳамов* давом дорад. С-ҳои охир тадқиқи назарияи молекулавии паҳншавӣ ва фурӯбарии мавҷҳои акустикӣ дар газу моеот вусъат ёфт. Олимони тоҷик назарияи молекулавию кинетикии ҳодисаҳои интиқол ва релаксацияро дар муҳити конденсациашуда инкишоф дода, хосиятҳои акустикии аксар моддаҳои органикию кристаллиро дар ҳолатҳои критикӣ (бӯҳронӣ) омӯхтанд.

А. Асроров.

АКУШЕРӢИ ВЕТЕРИНАРӢ (франс. accoucher—зоидан, ёрӣ ҳангоми зоидан), соҳаи ветеринарияи клиникист, ки процессҳои физиологию патологии организмҳои ҳайвонро ҳангоми муносибати ҷинсӣ, бордорӣ, давраи баъди зоидан ва касалиҳои навзоро меомӯзад. А. в. усулҳои бордоркунии сунъии ҳайвоноти х. қ.-ро кор карда баромада, техникаи ёрии зоидан, масъалаҳои ташкили таҷдиди чорворо тадқиқ мекунад.

А. в. алоқамандона бо анатомияи ҳайвоноти х. қ., гистология, эмбриология, биохимия, микробиология, физиология ва ғ. инкишоф меёбад.

Олимони советӣ таснифоти бенаслии ҳайвонот, бачапартоӣ, усулҳои гуногуни ташхиси бордорӣ ва ғ.-ро пешниҳод намудаанд. А. в.-и советӣ ба масъалаҳои профилактикаи акушерӣ-гинекологии касалиҳои ҳайвоноти х. қ. диққати калон медиҳад.

Доир ба А. в. Ин-ти умумиттифоқии ветеринарияи экспериментали, Академияи ветеринарии Москва, Ин-тҳои ветеринарии Ленинград, Қазон, Ин-ти тадқиқоти илмии ветеринарияи Тоҷикистон ва ғ. тадқиқоти илмӣ мебаранд. Натиҷаи корҳои илмӣ дар асарҳои ин-тҳо, журнали «Ветеринария» (аз с. 1924) ва диг. нашрияҳои зоотехникӣ чоп мешаванд.

Ад.: Акушерство, гинекология и искусственное осеменение с.-х. животных, Л., 1967; Студенцов А. П., Ветеринарное акушерство и гинекология, М., 1970.

АКЦЕЛЕРАЦИЯ дар психология (лот. acceleratio — тез шудан), суръати инкишофи фикр, афзоиши суръати тараққӣ. Мас., қади тифлон ҳангоми таваллуд шудан нисбат ба 100 соли гузашта ба ҳисоби миёна 0,5—1 см, вазнашон аз 100 то 300 г афзудааст. Дар муддадати с-ҳои 1880—1950 қади бачагони 5—7-сола дар ҳар 10 сол ба ҳисоби миёна 1,5 см ва вазнашон 0,5 кг, қади бачагони мактабхон 10—15 см зиёд шудааст. Доир ба сабабҳои А. бисьёр фарзияҳо вуҷуд доранд (беҳтар шудани хӯрок, инкишофи гигиена ва ғ.). Аҳамияти процесси А. барои инсонят ҳоло омӯхта нашудааст.

АКЦЕ́НТ (лот. accentus — зада), 1) бо воситаҳои гуногуни фонетикӣ (мас., баландшавии оҳанги талаффуз) фарқ кунондани ҳиҷое дар калима ва ё таркибҳо (ниг. *Зада*); 2) хусусияти талаффузи аз буньёди артикуляционии забони модарӣ ва шева бармеомадае, ки ҳангоми суханронӣ ба забони ғайр (ва баъзан адабӣ) боқӣ мемонад; 3) аломати китобатии фавқонӣ, ки барои нишон додани зада истифода мешавад.

АКЦЕ́ПТ (лот. acceptus—ризоият), 1) дар ҳуқуқи граждани ризоият ба таклифи (офертаи) тарафи дигаре, ки боиси татбиқи оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад. Мувофиқи қонуни аксар давлатҳо А. яке аз марҳилаҳои бастани шартнома буда, ифодаи иродаи шахсест, ки дар асоси шартҳои пешниҳодкардаи тарафи диг. ба бастани шартнома бечунучаро розӣ аст. А. агар ягон шарти иловагӣ дошта бошад, офертаи нав ҳисоб меёбад. Ризоият ҳамо вақт А. мешавад, ки дар муддати нишондодаи таклифкунанда ва ё дар мӯҳлате, ки барои ҷавоби фаврӣ зарур аст, гирифта шавад. (мод. 161—165 КГ РСС Тоҷ.). А. даҳонакӣ ва хаттӣ мешавад. Сукут низ аломати А. мебошад. Бо гирифтани А. ва ҷавоби оферта шартнома расмӣ мегардад. 2) Дар СССР А. як шакли ҳисобу китоби бенақди байни ташкилотҳо. А. с. 1931 ҷорӣ шудааст.

АКЦЕ́ПТОР (лот. acceptor — қабулкунанда), нуқси панҷараи кристаллии нимноқил, ки дар рабудани электронҳо зоҳир мегардад. Ниг. *Нимноқилҳо.*

АКЦИДЕ́НЦИЯ, ниг. *Араз.*

АКЦИЗ (лот. accido — мебурам), яке аз шаклҳои андозҳои ғайримустақим аст, ки бештар аз савдои молҳои сермасриф (намак, чой, қанд,

қаҳва, ғўтирд ва г.), ҳимояи барои хизмати коммуналӣ, нақлиёт ва амсоли ин гирифта мешавад. А. ба нархи мол ё муздҳои хизмат даҳл мегирад. Бинобар ин бори гарони А. ба дӯши истеъмолкунандагон, асосан ба зиммаи меҳнаткашон меафтад. А. сарчашмаи муҳими даромади бюджети давлатии мамлакатҳои капиталистии ҳозира аст. Дар ШМА с-ҳои 1928—59 маблағи андозҳои А. дар як сол аз 0,5 то 12,4 миллиард доллар афзуд. Ҳаҷми А.-и бисёр молҳо нисфи нарх. Баъзан ҳатто $^{2}/_{3}$ қисми онҳоро ташкил медиҳад. Дар СССР системаи А. с. 1930 ва дар диг. мамлакатҳои социалистӣ с-ҳои 1948—49 бо иловаҳои андоз бекор карда шуд.

АКЦИЯ (голл. aktie, нем. Aktie), 1) қоғази қиматнок, ки *ширкатҳои саҳмиявии* мамлакатҳои капиталистӣ мебароранд ва он ҳамчун шаҳодатнома барои гирифтани қисми муайяни фоидаи харсолаи ширкат, яъне дивиденд хизмат мекунад. А. дар биржаи фондӣ (бозори валютаҳои хориҷӣ ва қоғазҳои қиматнок) ҳаракату фурӯш мешавад. Қурби А. хусусан дар давраи бӯҳронҳо ва ҳаллиятии иқтисоди пасту баланд метавонад. Ин аз ин доирахои ҳукумати фоида мекунанд. Ду ҳел А. ҳаст: А.-ҳои муқаррарӣ ва А.-ҳои имтиёзнок. Фоидаи А.-ҳои муқаррарӣ ба фаъолияти корхона вобаста мешаванд. А.-ҳои имтиёзнок ба андозаи фоиз муайян даромад меоваранд. 2) Амалиёте, ки бо мақсадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ё ҳарбӣ (мас., эътироз) гузаронида мешавад.

АКҲЬЯНА (санскр. — ҳикоя), жанрҳои ривояти адабиёти қадимаи халқҳои Ҳиндустон. Дар Ведаҳо порчаҳои ҳикояи ва муколамаҳои драмавӣ мешаванд, ки сипаси онҳо дар адабиёти классикии санскрит аз ҷумла дар драмаҳои *Калидоса* инкишоф ёфтаанд. А.-ро асоси драматургия ва классикии ва жанрҳои ривояти ҳаму ҳинди меҳисобанд. Маҷмӯаи А. дар Ведаҳо далолат мекунад, ки халқҳои Ҳиндустон аз қадимулаём адабиёти инкишоф ёфтаанд доштаанд.

«АЛ АБНИЯ АН ҲАҚОИҚ ИЛ АДВИЯ» («Асосҳо ҳаҷмҳоти дорухо») — [illegible] асари тиббии форсӣ-тоҷикӣ Муваффақиддин Абумансур Али Ҳиравӣ аст, ки с-ҳои 1065—70 Асадии Тусӣ ташриҳ кардааст. Дере нагузашта асар дар ин қатор мамлакатҳо шуҳрат ёфт. Онро Ибнасинӣ дар Эрон бо такрор ва таҳрир ба тиб расондааст. Дар 19 асар ду марташба ба забони немисӣ тарҷума шудаанд. Чуноне Асадии Тусӣ ишора мекунад, муаллифи «А.» дигар ба [illegible] даҳсолаҳо, ки дар мусолиҳа ба ҳар ҳикмат ба ҳаҳ [illegible] ҳосилоти ҳар ҳикмат [illegible] кардааст. Ин асар дар таҳрирҳо тиббии ҷаҳонӣ ҳамчун [illegible] (фармакопея) машҳур гардидааст.

К. [illegible]

АЛАВИЯ (ар. علوية аз исми Алӣ), фирқаи равияи *шиа*, ки а. 9 дар Сурия дар натиҷаи ихтилофи байни рӯҳонӣёни шиа барои тахти *имомат* пайдо шудааст. А.-ро аз номи асосгузораш Ибни Нусайр нусайрия ҳам мегӯянд. Аҳкоми асосии А. имоми нахустини шиа ва халифаи чаҳорум Алиро мучассаман худо дониста, вайро аз пайғамбар Муҳаммад болоҳ мегузорад. Таълимоти А. унсурҳои *масеҳият* ва диг. динҳои қадимаро дар бар мегирад. Тасаввурот дар бораи се қавми муқаддас (Алӣ, Муҳаммад ва Салмони форс) ва хӯрдани нону шароби шарқӣ дар вақти ибодат аз ҳамин қабил унсурҳоянд. Алавиён таносухро эътироф мекунанд. Онҳо боварӣ доранд, ки рӯҳи алавиён қабл аз ба тан пайвастан ситора буда, баъд аз вафот рӯҳи алавиёни содиқ ба ситора ва рӯҳи мунофиқон ба тани ҳайвон ҳамроҳ мешудааст. Алавиён ба ғайр аз иду маросимҳои мусулмонӣ баъзе иҷдоҳои масеҳиёт (мавлуди Исо, Салоса, Бошорат)-ро низ қайд мекунанд. Асҳоби А. ҳоло дар Сурия ва Туркия зиндаанд.

Ад.: Беляев Е. А., Мусульманское сектантство, М., 1957.

Х. Додихудоев.

АЛАВӢ علوی Муҳтабо Бузург (тав. 22.2.1904, Теҳрон), нависандаи эронӣ. Ун-ти Берлинро ҳатм кардааст. Аввалин маҷмӯаи ҳикояҳояш «Ҷомадон» с. 1934 нашр гардидааст. С. 1936 барои таргиби гояҳои социалистӣ ҳабс шудааст. Ҳикояҳои солҳои маҳбусиаш, ки муборизаи зиёнёни Эронро бар зидди истибдоди ҳукуматдорон ифода мекунанд, дар маҷмӯаи «Варақпорахои зиндон» (1941) гирд омадаанд. Дар повести ёддоштии «Панҷоҳу се нафар» (1942) муборизаи маҳбусони сиёсӣ дар роҳи ҳақиқат, адолат ва баробарӣ сиёсӣ тасвир шудааст. А. барои маҷмӯаи ҳикояҳои «Номаҳо» (1951), ки процесси инкишофи шуур ва иттиҳоди чавонони шаҳр ва деҳаро нишон мекунад, сазовори Мукофоти байналхалқии Сулҳ гардидааст. Романи «Чашмҳояш» (1952), ки муборизаи бошуурона ва муташаккилонаи оммаҳои демократии Эронро дар роҳи барқарорсозии сиёсӣ дарбар гирифтааст, ба А. шуҳрати ҷаҳонӣ овард. Таммуқи психологи ба бисёр асарҳои А. хос аст, вале ӯ баъзан ба субъективизм роҳ медиҳад. Маҷмӯаи ҳикояҳои А. бо унвони «Дениз сафед» (1972) дар Точикистон ба тоҷ расид. А. таълифоти адабиётшиносӣ ҳам дорад, ки маъруфтаринаш он «Таъриҳ ва инкишофи адабиёти нусхаи Эрон» (1961) аст. А. як силсила асари нависандагони рус (Чехов, Горький, Маршак) ва ғайрро (Шиллер, Шоу ва г.)-ро ба форсӣ тарҷума кардааст. С. 1963 А. ба РДТ саҳ ҳаракат кард. Ин силсила асарҳо тезу тунди публицистиканд ба ва-мисӣ («Эрони муборизӣ», 1956; «Нафти хунин», 1956; «Кишвари гулу булбул», 1957) таълиф шудаанд. А. ҳоло (1977) проф. Ун-ти ба номи А. Ҳумболдти РДТ буда, аз таъриҳи адабиёти Эрон дарс мегӯяд.

Д. Ихромӣ.

АЛАЗЕЯ, дарьё дар шим. шарқи РАСС Ёкут. Тӯлаш 1590 км, масоҳ. ҳавзааш 64700 км². Аз ҳамроҳ шудани д-ҳои Нелькан ва Кадычан дар паҳнкӯҳи Алазея ташкил меёбад; аз пастиҳо Колыма ҷорӣ шуда, ба б. Сибири Шарқӣ мерезад. Маҷроёш нисбатан пурпечу тоб. Дар резишгоҳ ба якчанд шохаҳо ҷудо мешавад. Сарфи миёнаи об дар резишгоҳ 320 м³/сон. Манбааш барфу борон. А. охири сент. ях баста, июнь об мешавад. Шохобҳо калонтаринаш — Россоха. Ҳавзаи А. бештар аз 24 ҳаз. кӯлҳои хурд дорад.

АЛАЗЕЯ, паҳнкӯҳ дар шим. шарқи РАСС Ёкут., байни д-ҳои Индигирка, Колыма, Алазея ва Ожогина. Тӯлаш 300 км, баландии миёнааш 350 м. Дар болои паҳнкӯҳ массивҳои ҳамвор ва қ-кӯҳҳои алоҳида қад кашидаанд, ки 400—954 м баландӣ доранд. А. аз гнейс, гранит ва туфҳои вулқонӣ таркиб ёфтааст. А.-ро то баландии 450 м бешаҳои камдарахти шарбин, аз он баланд-тар буттаҳо ва дарахтони қадпасти абҳул ва растаниҳои тундравӣ фаро гирифтаанд. Ботлоқу кӯлҳои бисёре дорад.

АЛАНД, Аҳвенанма (шведӣ Aland, финӣ Ahvenanmaa), ҷазираҳо дар ҳал. Ботники б. Балтика. Аз 6,5 ҳаз. ҷазира иборат; калонтаринашон Аланд; 150-тои онҳо маскун. Масоҳати умумиашон 1481 км². Аҳол. 21,6 ҳаз. (1970). Тобеи Финляндия. Ҷазираҳо аз гранит ва гнейсҳо таркиб ёфтаанд; сатҳашон сертеппа, бал. то 132 м. Иқлимашон мӯътадили баҳрӣ, боришоти солона 550 мм. А. серҳеша ва буттазор. Аҳолӣ бо моҳидорӣ, чорводорӣ ва зироаткорӣ машғул. А. минтақаест, ки демилитаризация шудааст.

АЛАНИН, кислотаи α-аминопропион, $CH_3CH(NH_2)COOH$, яке аз *аминокислотаҳо* буда, дар табиат васеъ паҳн шудааст. А. ба таркиби аксари сафедаҳо даҳл шуда, дар ҳолати озод дар *бофтаҳои* бештари растанию ҳайвонот ҷуҳор мешавад. А.-и ҳолис кристалли сафед буда, дар спирту эфир ҳал намешавад. Массаи мол. 89, 09.

АЛАНҲО (*лот.* Alani, худ ирониҳо гӯянд, ба русӣ ясы), қабилаҳои саршумори эронинажод, аз рӯи баромадашон ба *сарматҳо* мансубанд. Дар саҳрои аввали милод дар Поволжиёи Поён, наздиҳои Урали Ҷанубӣ, соҳилҳои Дон, б. Сиёҳ ва дар Кавказ Шимолӣ иқомат доштанд. Ба Крим, Закавказия, Осиёи Хурд, Мод ва ҷаҳ-

кар кашидааанд. А. асосан бо чорводорӣ, баъдтар бо ҳунармандӣ — кулолӣ, заргарӣ ва ғ. машғул буданд. Дар ҳаёти иҷтимоии А. мавқеи сардори қабила баланд буд. С. 372 аз гуннҳо ва а. 6 аз аварҳо шикаст хӯрда, қисме ба Галлия, Испания, Африкаи Шимолӣ кӯч бардоштанд, қисми диг. дар кӯҳҳои Кавказ паноҳ бурданд. А. дар а-ҳои 7—10 ба ҳайати хоқонии Хазарҳо дохил шуда, муддати дароз бар зидди хоқонии Хазарҳо, Византия ва хилофати араб мубориза бурданд. Дар а-ҳои 9—10 дар ҷамъияти А. муносибатҳои феодалӣ, дар а-ҳои 10—12 иттиҳоди қабилаҳо ба вуҷуд омада, нишонаҳои оддитарини давлат пайдо шуд. А. дар а. 7 дини насронӣ, дар а. 14 дини исломро қабул карданд. А. аҷдоди осетинҳо буда, дар ташаккули маданият ва этногенези диг. халқҳои Кавказ Шим. роли муҳим бозиданд. Аз рӯи маълумотҳои археологӣ А. бо Закавказия, Византия, Руси Киев, Сурия алоқаи иқтисодӣ ва маданӣ доштанд.

Ад.: Кузнецов В. А., Аланские племена Северного Кавказа, М., 1962; Плетнева С. А., От кочевий к городам, М., 1967.

АЛАС, алас-алас, аз одатҳои зарарноки хурофот, усули «даво» кардани беморон бо гардонидани оташи машъала аз гирди сари онҳо бо мақсади аз бадани бемор дур кардани таъсири рӯҳи бад *(аҷина, дев, албастӣ)*. Фолбин беморро ба «маскан»-и деву аҷина (обмӯрӣ, мазор, назди дарахти чормағз, тут, санҷид, дӯлона) бурда, алас менамуд. А. зуҳуроти ҷаҳолат буда, дар давоми асрҳо авомро гумроҳ мекард.

О. Муродов.

АЛАТО́ВИ КУЗНЕ́ЦК, қаторкӯҳ дар ҷан. Сибирь, дар вил. Кемерово ва кишвари Краснояри РСФСР, байни хамиҳои Кузнецк ва Минуса. Тӯлаш қариб 300 км; бараш 150 км; баландии миёнааш 1000—1200 м; қуллаи баландтаринаш 2178 м (к. Верхний Зуб). Аз кварцит, варақасангҳои силикатию гилӣ, габбро, диорит, гранит, сиенит ва ғ. таркиб ёфтааст. Нишебаи кӯҳҳоро тайгаи дарахтони коҷ, сидра ва бешаҳои дарахтони шарбиш, санавбар фаро гирифтаанд. Сарватҳои зеризаминиаш — маъдани оҳан, манган, тилло, хромит, боксит.

АЛАТО́ВИ КУНГЕ́Й, қаторкӯҳ дар Тиёншон, дар сарҳади РСС Қаз. ва РСС Қирғ. Хамии Иссиққӯлро аз Шим. иҳота мекунад. Тӯлаш қариб 280 км; баландиаш то 4771 м (к. Чӯқтал). Аз гранит, варақасанг, регсангҳо таркиб ёфтааст. Пирьяхҳо дорад (масоҳ. 237 км²). Ландшафтҳои марғзорӣ кӯҳӣ ва марғзорӣ доштӣ бештаранд. Нишебаҳои ҷанубии А. К.-ро марғзорҳои даштию кӯҳӣ, нишебаҳои шим. ва дараҳои онро бешаҳои коҷ фаро гирифтаанд.

АЛАТО́ВИ ПАСИ ИЛӢ, қаторкӯҳ дар қисми ғарбии системаи кӯҳҳои Тиёншон, дар сарҳади РСС Қаз. ва РСС Қирғ. воқеъ гардидааст. Тӯлаш қариб 350 км, баландиаш то 4973 м (қ. Талғар). Асосан аз гранит, конгломерат, оҳаксанг ва варақасангҳо таркиб ёфтааст. Баъзе қуллаҳояшро пирьяхҳо фаро гирифтаанд (майдони умумии онҳо 484 км²). Аз нишебаҳои шимолии он шохобҳои чапи д. Илӣ ҷорӣ мешаванд. Нишебаҳои А. П. И. бо растаниҳои даштӣ, буттазор, бешаҳои дарахтони паҳнбаргу сӯзанбарг, марғзорҳои альпӣ пӯшида шудаанд. Дар минтақаи А. П. И. зуд-зуд зилзила рӯй медиҳад. Дар доманаи шимолии он ш. *Олмаато* воқеъ аст.

АЛАТО́ВИ ТАЛА́С, қаторкӯҳ дар Тиёншони Ғарбӣ, дар РСС Қирғ. ва РСС Қаз. Тӯлаш 280 км, бал. то 4482 м (к. Манас). Тағаҳои А. Т. дандонадор буда, барфи доимӣ, пирьях доранд. Нишебаҳояшро дараҳои чуқур бурида мегузаранд. Дар доманаи кӯҳҳо растаниҳои даштӣ ва буттаҳо меруянд, болотар аз он алафзори субальпӣ ва альпӣ воқеъ гардидааст, ки ҳамчун чарогоҳ истифода мешавад. Дар дараҳо бешаҳои коҷ, ладен ва арча вомехӯранд.

АЛАТО́ВИ ТЕРСКЕ́Й, қаторкӯҳ дар Тиёншони Марказӣ, дар РСС Қирғ. Хамии Иссиққӯлро аз Ҷ. иҳота мекунад. Аз Ғ. ба Ш. (аз болооби д. Чу то массиви Хон Тенгрӣ) 380 км тӯл кашидааст. Баландиаш то 5216 м. Нишебаҳои шимолиашро дараҳои чуқури бисьёре бурида гузашта, сатҳи ин нишебаҳоро то бал. 2100—2900 м бешазори коҷ фаро гирифтааст. Нишебаи ҷанубиаш нисбатан кӯтоҳ буда, дар бал. 3600—4000 м ба кӯҳҳои ҳамвор — сиртҳо мегузарад. Майдони пирьяхҳо 1080 км².

АЛАТО́ВИ ҶУНГА́Р, системаи кӯҳҳое, ки асосан дар ҷан. шарқии РСС Қаз. ва қисман Хитой, байни д-ҳои Олакӯл ва Илӣ воқеъ гардидааст. Тӯлаш 450 км, бараш 50—190 км. А. Ҷ. аз якчанд қ-кӯҳҳои мутавозӣ (Қаратов, Башкантов, Тоқсанбай, Бежинтов ва диг.) иборат мебошад. Бал. асосан 1500—3000 м. Қуллаи бал. 4464 м (к. Бесбаскан). Дар қисми марказиаш пирьяхҳо дорад (масоҳ. 1120 км²). Ба рельефи А. Ҷ. кӯҳҳои сатҳашон ҳамвор хосанд. Қисми шим. А. Ҷ. аз регсанг, алевролит, варақасангҳо; ҷанубиаш аз ҷинсҳои вулқонӣ ва марказиаш аз ҷинсҳои кристаллӣ таркиб ёфтаанд. Дар А. Ҷ. конҳои маъдани полиметалл, мис, металлҳои нодир мавҷуданд.

АЛА́Ф, растаниҳои алафӣ, гиёҳи худрӯй ё зироатии дорои баргу пояи мавсимӣ. Дар СССР бештар аз 18 ҳаз. намуди растаниҳои алафӣ мавҷуд буда, ба гурӯҳи А.-ҳои бегона (ғӯмой, печак, захрпечак, талха, шӯра ва ғ.), захрнок (бангидевона, аҷалгиёҳ, банҷ ва ғ.), даббоғӣ (шилха, торон, ревоҷ ва ғ.), доруӣ (ҳазорисфанд, газна, зуф, заҳоза, ширинбуя, ҷаҷак, қоқу, коснӣ, хайрӣ ва ғ.), хӯрданӣ (пиёз, кашниҷ, райҳон, испанҳ, сиёҳалаф, зира ва ғ.), хӯроки чорво (юнучқа, шабдар, себарга, сулӣ, ҷавдор ва ғ.) ва ороишӣ (лола, ҳолмон, бойчечак, бунафша, савсан, сиёҳгӯш ва ғ.) ҷудо мешаванд. А. як, ду ва бисьёрсола мешавад. Дар Тоҷикистон қариб 6,5 ҳаз. растании дараҷаи олӣ меруяд, ки қариб ⅔ ҳиссаашон алафист. Ба гурӯҳи А.-и бисьёрсолаи киштбоби хӯроки чорво юнучқа, говришқа, эспарцет, себарга, шабдар ва ғ. мансубанд. Онҳо зироати пурқимати хошокӣ буда, хокро бо нитроген ва моддаҳои органикӣ бой мегардонанд. А.-и бисьёрсолаи хӯроки чорво дар заминҳои обӣ 3—5 сол сабзида, дар мавсим 270—500 ц/га баргу пояи сабз медиҳад. Дар Тоҷикистон с-зҳои махсуси тухмипарвариии юнучқа (Кангурт, Мӯъминобод ва хоҷагии маркази таҷрибавии Ин-ти тадқиқоти илмии зироати Тоҷикистон) ташкил шудаанд. Аз А.-и яксолаи хошокӣ бештар нахӯди хӯроки чорво, шабдар, арзан, ҷуворӣ, ҷуворимакка, мушунг, берсим ва ғ. кишта мешавад. Кишти А.-ҳои бисьёрсола ва яксола ҳолати мелиоративии хок ва ҳосилхезии онро беҳтар мекунад. Дар доманакӯҳ ва адирҳои республика бештар А.-ҳои яксола, дар теппакӯҳу баландкӯҳ А.-ҳои бисьёрсола меруянд. Ниг. низ *Алафҳои бегона*, *Растаниҳои доруӣ* ва *Растаниҳои заҳрнок*.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, 1957, т. 2, М.-Л., 1963, т. 3, Л., 1968, т. 4, Л., 1975; Травянистые растения СССР, т. 1, М., 1971.

А. А. Ашуров.

АЛАФДАРАВА́К, мошин барои даравидани алафҳои табиӣ ва кишта. А. худгард, ядакӣ ва овеза мешавад. Бештар А. и овезаи ба трактор ва шассии худгард агрегатонидаро кор мефармоянд. Қисми асосии кории А. асбоби буррандаи панҷашакл ё ротационист, ки аз наварди қуввадеҳи трактор ба кор медарояд. Дар СССР А.-ҳои КСХ-2,1А, КСХ-2,1Б, КСП-2,1, КСП-2,1А, КФН-2,1 КЗН-2,1, КНУ-6, КПС-6-10 ва КС-2,1 истеҳсол карда мешаванд. Дар Тоҷикистон бештар КС-2,1 (маҳсулноки аш 2,5 га/соат) истифода мешавад.



Алафдараваки КС-2,1

АЛАФДАРАВ РЕЗАКУНАК, мошини барои дарав ва реза кардани алафи табиию кишта ва гундоштани зироати х. к. барои силостайёркунӣ.

Мошини алафдарав ва резакунаки КИК-1,4 [illegible] ва [illegible]

[illegible] Дар СССР [illegible] ва КИР-1,5 истеҳсол мешавад. КИК-1,4 [illegible] алафдарав [illegible] барои [illegible] ва г. [illegible] Алафдарав [illegible] мутаҳаррик [illegible] резакунак [illegible] ба [illegible] мешавад. [illegible] навардӣ [illegible] медарад. Тарҳи [illegible] ва [illegible] ва [illegible] Мошини [illegible] А. [illegible]

АЛАФБӮР, [illegible] алаф [illegible] дар [illegible] мешавад. Аввал [illegible] ва г. [illegible] А. истифода мешавад. А. [illegible] ва [illegible] Ҳозиранд [illegible] Ҳаҷм [illegible] ва [illegible] Ҳаҷм [illegible] Ҳаҷм [illegible] Ҳаҷм

Алафхои бегона: *1* — забони булбул; *2* — ғумой; *3* — чағчаг; *4* — латтахор; *5* — талха; *6* — шумгиёх; *7* — захрпечак (ҷар себарга), *8* — ачирик; *9* — шӯра; *10* — кӯнокгиёх; *11* — печак.

хои гвардиячёни сафеди Дутов, Колчак, Анненков ва диг. дохил шудаанд. Дар рафти ҷанги граждани отряднои Алашӯрда тӯрумор гардиданд ва Комитети революционии қирғиз (қазоқ) марти 1920 «ҳукумат»-и Алашӯрдаро барҳам дод.

АЛБАНИЯ (Shqipëria), Республикаи Халқии Социалистии Албания (РХСА), давлати социалистӣ дар қисми ғарбии нимҷазираи Балкан, дар соҳили б. Адриатика ва Ион. Дар Шим. ва Ш. бо Югославия, дар Ҷ. Ш. бо Юнон ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 28,7 ҳаз. км². Аҳолӣ 2 млн 440 ҳаз. нафр. (охири 1975). Пойтахташ — ш. Тирана. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 26 район тақсим шудааст.

Сохти давлати. РХСА — давлати социалистӣ. Конституция ки ҳоиаш 14 марти 1946 қабул шудааст (таҳрири нав — 4 июли 1950). Органи олии ҳокимияти давлати — Маҷлиси халқии ноҳиявӣ (онро аҳолӣ ба мӯҳлати 4 сол интихоб мекунад), дар давраи байни сессиҳои Маҷлиси халқ Президиуми Маҷлиси халқӣ мебошад. Органи олии иҷроиш ва амрдиҳандаи ҳокимияти давлати Советӣ Вазирон буда, онро Маҷлиси халқӣ интихоб мекунад. Органҳои маҳаллии ҳокимияти давлати — советҳои халқии ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва районӣ буда, ба мӯҳлати 3 сол интихоб мешаванд.

Системаи суд. Суди Олӣ, судҳои халқӣ ва трибуналҳои ҳарбӣ. Конституция инъикоботи ташкили судҳои маҳкумрониро ҳаллӣ кардаанд.

Табиат. Хоки соҳилҳо ботлоқ ҳамвор аст. Кӯҳҳои соҳили Адриатика пастӣ, тектоникӣ аккумулятивӣ буда кашидааст, ки то 45 км паҳной дорад. Пастӣ аз Ҷ., Ш. ва Шим. бо к.-кӯҳҳои на чандон баланди чиндорӣ альпӣ ва массиваҳои Альпи Шимолии Албания (Проклетие), Томори, Кораби (бал. то 2751 м) иҳота шудааст. Кӯҳҳо аз ҳам чудо буда, ҳамиҳои бисёре доранд. Сарватҳои асосии заминӣ: хромит, нефть, гази табиӣ, маъдани оҳану никель ва мис, битуми табиӣ, ангишти бӯр ва г.

Иқлимаш субтропикии баҳримиёнаҳамиӣ. Тобистон ҳавои ҳамвориҳо гарм ва хушк (ҳарор. миёнаи июль 24°—25° С), зимистон нарми серӣам ва серциклон (ҳарор. миёнаи янв. —8° —9° С). Боришоти солона — 1000 мм. Дарёҳояш кӯҳӣ ва барои киштиронӣ нобоб, вале захираи энергиашон фаровон аст. Д-ҳои калон: Дрин, Семани, Вьоса, Шкумбини, Мати. Кӯлҳои калони Шкодер, Охрид. Преспа қисман ба А. тааллуқ доранд. Мурдобаҳо низ зиёданд. Қисми зиёди хоки А. ҷангалзор аст. Минтақаҳои наботот ва хок ниҳоанд: 1) минтақаи поёнӣ (то 300—600 м) иборат аз растаниҳои гармидӯст (маквис, шамшод ва диг.); 2) минтақаи ҷангалҳои кӯҳӣ (то 2000 м) иборат аз дарахтони паҳнбарг ва сӯзанбарг (бӯтут, кастона, шамшод, ҳоҷ ва ҷавобар); 3) минтақаи марғзорҳои кӯҳӣ (аз 2000 м баландтар). Дар кӯҳистон гург, хирс, шаҳол, буғо, кӯҳӣ вомехурад. Парранда ҳои маъмӣ бисёранд.

Аҳолӣ. Аксари аҳолӣ аз албанҳо иборат аст (қариб 97%); ҳиссаи юнонҳо (аввал аз 2%), валахҳо ва диг. зиндагӣ мекунанд. Забони давлатӣ — албанӣ. Қариб ⅔ динҳоро мусулмонанд. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км²— 79 нафр. (1972). Дар қисми сохилӣ (ғарбӣ), ки ¼ хоки мамлакатро ташкил медиҳад, ½ аҳолӣ сокин аст. Шаҳрҳои калон: Тирана (такр. 195 ҳаз. нафр., ох. 1975), Шкодер, Дуррес, Влёра, Корча.

Очерки таърихӣ. Дар замонҳои қадим (аз ҳазорсолаи 2-юми то м.) сокинони А. иллириҳо буданд. Дар а-ҳои 7—3 то м. юнониён дар ин сарзамин якчанд колония барпо намуданд. Дар а-ҳои 2—1 то м. хоки А.-и ҳозираро Рим истило кард. Дар ин давра дар мамлакат муносибатҳои ғуломдорӣ равнаق ёфт. Баъди барҳам хӯрдани империяи Рим с. 395 А. ба ҳайати Византия дохил шуд. Аз охири а. 6 дар хоки А. қабилаҳои славянӣ сокин шуданд. Аз а. 10 то а. 13 А. бо навбат ба давлати Булгористон, Византия, давлати Нормандҳо ва шоҳии Эпир тобеъ шуд. Дар охири а. 13 — нимаи 1-ми а. 14 қисми ғарбии А. ба ҳайати давлати шоҳии Неаполь ва қисми шимолиаш ба ҳайати давлати шоҳии Сербия дохил буд. Дар миёнаҳои а. 14 сарзамини А.-ро шоҳи Сербия Стефан Душан забт кард. Шаҳрҳои Дуррес, Шкодер, Дришти, Влёра, Берат ва Лежа ба муҳимтарин марказҳои ҳунар ва тиҷорат мубаддал гардиданд. Баъди барҳам хӯрдани давлати Стефан Душан ҷангҳои байниҳудӣ сар шуда, А.-ро суст карданд ва дар натиҷа онро туркҳо истило намуданд. С. 1443 ба муборизаи халқи А. ба муқобили туркҳо Скандарбеи (Георгий Кастриоти) сардори кард. Ба ӯ муяссар шуд, ки нимҷазираи байни феодалҳои албанро бартараф намуда, онҳоро дар як иттифоқ муттаҳид гардонад. Давлате, ки Скандарбеи раҳбари он буд, дар давоми 25 сол фишори кушунҳои турко бомуваффақият даф кард. Баъди вафоти Скандарбеи туркҳо муқобилати албанҳоро шикастанд ва то с. 1479 қариб тамоми А.-ро ишғол карданд. А. то нимаи а. 19 дар ҳайати империяи Усмониён буд. Дар ин давра дар мамлакат дини исломӣ паҳн шуд. Аҳолиро аз исломӣ рӯ гардонда, ба ҷулми туркҳо муқобилат бармеоварданд, аммо шуришҳои онро (1481, 1527, 1571, 1703—11, 1716 ва г.) бераҳм пахшиданд. Дар охири а. 18 —

Намуди умумии Тирана

Шаҳри Берат ва д. Осуми.

Водопад д. Дрин [illegible]

Пули дехаи Меси дар наздики Шкодер

Намуди умумӣ.

аввали а. 19 баробари заиф гардидани империяи Усмониён таъсири феодалҳои таҷзияталаби албан афзуд. Дар арафаи с. 1822 Алипошшо Тепелен ва диг. феодалҳои албан идораи мамлакатро ба даст гирифтанд. Аз миёнаҳои а. 19 дар А. бедории миллӣ сар шуд. Аввалин намояндагони давраи Эҳьёи А. (аз с-ҳои 40-ми а. 19 то с. 1912) Н. Вакилхарҷӣ, И. Де Рада, К. Кристофориди, Т. Митко, Я. Врето, Н. Фрашери ва диг. ба майдон омаданд. Пешрафти ҳаракати озодихоҳӣ дар нимҷаз. Балкан дар чорьяки охири а. 19 А.-ро ҳам фаро гирифт. Баъди муборизаи дуру дароз 10 июни 1877 дар Призрен ташкил ёфтани ба ном Лигаи албан ботантана эълон шуд. Аммо, вақте ки Лига аз ҳукумати Туркия алоқаро канда, талаби мухторияти А.-ро ба миён гузошт ва худро ҳукумати муваққатӣ ва мухтори албан эълон кард, ҳукуматдорони Туркия онро торумор намуданд (1881). Дар аввалҳои а. 20 А., монанди бисьёр мувофотҳои диг. Туркия, объекти рақобати Австрия, Италия, Юнон ва диг. давлатҳои империалистӣ қарор гирифт. С. 1912 дар вақти ҷанги якуми Балкан ҳоки А. аз тарафи қӯшунҳои Черногория, Сербия ва Юнон ишғол шуда буд. 28 нояб. 1912 дар маҷлиси намояндагони районҳои гуногуни мамлакат ва муҳоҷирони хоричӣ А. мустақил эълон карда шуд ва ҳукумати муваққатии Албания бо сардории Исмоил Камол ташкил ёфт. Конференцияи лондонии сафирони Австро-Венгрия, Британияи Кабир, Германия, Франция, Россия, Италия (1913) истиқлоли А. ва ба Туркия мутеъ набудани онро эътироф кард. Дар с-ҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ А.-ро юнониҳо, италиявиҳо, сербҳо, черногориҳо, сонитар австрийҳою венгерҳо ва французҳо истило карда буданд. Мувофиқи шартномаи махфии Лондон (1915) ҳукмронии Италия бар А.-и Марказӣ муқаррар гардида, пешбинӣ шуда буд, ки баъди итмоми ҷанг А. дар байни Италия, Сербия, Черногория ва Юнон тақсим ҳоҳад шуд. Вале Рев. Каб. Соц. Октябрь дар Россия ва нашри шартномаи махфӣ нақшаҳои аз сари нав тақсим кардани А.-ро барбод дод. Муборизаи халқи албан Италияро маҷбур кард, ки аз ҳукмронии худ бар А. даст кашад. Конференцияи сафирон дар Лондон с. 1920 истиқлоли А.-ро дар ҳудуде, ки с. 1913 дошт, тасдиқ кард. С. 1920 А. аъзои Лигаи миллатҳо шуд.

Дар миёнаи с-ҳои 20-ум ба сари ҳокимият гурӯҳи феодалҳои реакционӣ-помещикии Зоғу омад ва А.-ро ба манбаи ашёи хоми Италияи фашистӣ табдил дод. Тарзу усулҳои роҳбарии Зоғу, ки худро «подшоҳи албанҳо» эълон карда буд (1928), борҳо боиси қаҳру ғазаби оммаи халқ гардид. С-ҳои 30 аввали гурӯҳҳои коммунистӣ ба вуҷуд омаданд. Апр. 1939 А.-ро Италияи фашистӣ забт намуда, ба ҳайати худ дохил кард. Баробари бар зидди блоки фашистӣ ба ҷанг даромадани СССР ва нояб. 1941 ташкил ёфтани Партияи Коммунистии А. (ПКА) масъалаи бомуваффақият пеш бурдани муборизаи миллии озодиҳоҳӣ падид омад. Марти 1943 дар Лабинот Конференцияи якуми умумиалбании ПКА барпо гардид, ки тайёр намудани шӯриши умумихалқиро вазифаи худ қарор дод.

Дар рафти муборизаи озодихоҳӣ, ки он ба рев. демократии халқӣ табдил ёфт, 17 нояб. 1944 Тирана ва 29 нояб. тамоми А. озод шуд (ин рӯз рӯзи иди миллӣ мебошад). Дар А. баъди ҷанг ислоҳоти замин гузаронда, аксарияти корхонаҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ миллӣ кунонда шуданд, барпо намудани сектори социалистӣ дар хоҷагии халқ ба анҷом расид. 11 янв. 1946 А. респ.-и халқӣ эълон шуда, марти ҳамон сол конституция қабул гардид. Дар натиҷаи бомуваффақият иҷро шудани плани 2-сола (1949—50) ва плани 5-солаи якум (1951—55) А. ба мамлакати аграрию индустриалӣ мубаддал гардид.

Роҳбарони *Партияи Меҳнатии Албания* (ПМА) баъди с. 1960 нисбат ба иттиҳоди социалистӣ ва ҳаракати байналхалқии коммунистӣ амалиёти ҷудоиандозиро пеш гирифтанд. Нояб. 1971 съезди 6 ПМА барпо гардида, роҳи сиёсии ҷудоиандозии роҳбарияти А.-ро расман тасдиқ кард.

Роҳбарони РХСА дар сиёсати беруни, дар ҳаракати байналхалқии коммунистӣ мисли пештара ихтилофандозиро давом медиҳанд. Сент. 1968 роҳбарияти РХСА қарор кард, ки Шартномаи Варшаваро аз эътибор соқит дониста шавад ва ба ин муносибат А. аз ин ҳайат баромад. Ин видди манфиати сулҳ, социализм ва халқи албан аст.

Партияҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва диг. ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Партияи Меҳнатии Албания (ПМА), 8 нояб. 1941 таъсис гардидааст (то с. 1948 Партияи Коммунистии Албания буд). То 1 окт. 1971 қариб 87 ҳазор аъзо ва номзад дошт. Фронти демократии Албания (ФДА), ки 16 сент. 1942 ташкил ёфт ва то авг. 1945 Фронти миллии озодихоҳӣ (ФМО) ном дошт, ташкилоти оммавии сиёсӣ буда, дар таҳти роҳбарии ПМА кор мекунад. Ба ФДА ташкилотҳои иттифоқи касаба, ҷавонон ва занон дохил мешаванд. Иттифоқи Ҷавонони Меҳнаткаши Албания, февр. 1949, баъди муттаҳид гардидани Иттифоқи коммунистии ҷавонон ва Иттифоқи ҷавонони халқ ташкил ёфта, зиёда аз 300 ҳаз. аъзо дорад. Иттифоқи касабаи Албания, окт. 1945 таъсис ёфтааст, зиёда аз 550 ҳаз. аъзо дорад (1972), ба Федерацияи Умумиҷаҳонии Иттифоқҳои касаба дохил мешавад.

Хоҷагӣ. Дар арафаи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ А. мамлакати хеле кафомондаи Европа ба шумор мерафт, қариб ҳеҷ ф-каю з-д, роҳи оҳан ва флоти тиҷоратӣ надошт. Баъди ғалабаи рев. халқии демократӣ ва аз истилои Италияю Германияи фашистӣ озод шудани мамлакат (1944) А. бо ёрии СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ хоҷагии худро зуд барқарор карда (1944—46), ба роҳи тараққиёти социалистӣ даромад. Дар натиҷаи дигаргунсозиҳои демократӣ ва социалистӣ ва ба иҷро расидани планҳои тараққиёти хоҷагии халқ (1949—60) дар А. асоси саноати миллӣ гузошта шуда буд. С. 1970 маҳсулоти саноат нисбат ба с. 1938 63,7 баробар ва маҳсулоти х. қ. 3 баробар афзуд. Вазни қиёсии саноат дар хоҷагии халқ хеле зиёд шуда, 42,4% даромади миллии мамлакатро дод (1970).

С. 1962 А. худро аз кори СЭВ дур кашид ва алоқаи иқтисодиро аз СССР қатъ намуд. Аз ҳамин сабаб суръати афзоиши истеҳсолот паст ва сохтани корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғ. суст шуд. Дар тақсимоти байналхалқии меҳнат А. ҳамчун тайёркунандаи маҳсулоти саноати маъдан, чӯбу тахта, хӯрокворӣ, инчунин тамоку, зайтун ва меваҳои цитрусӣ барин маҳсулоти х. қ. дохил мешавад.

Дар саноат соҳаҳои саноати хӯрокворӣ (истеҳсоли равғани зайтун, ҷанд, консерви меваю моҳӣ, шароб), бофандагӣ, чарму пойафзол ва чӯб афзалият доранд. Дар солҳои сохтмони социалистӣ саноати сабук, маъдан ва нефть равнақ ёфт. Бо ёрии Иттифоқи Советӣ ва диг. мамлакатҳои социалистӣ ба таъсиси з-дҳои металлургияи сиёҳ ва ранга (Эльбасан, Рубику, Кукес), мошинсозӣ (олоти х. қ., қисмҳои эҳтиётии мошину трактор), химия (асосан истеҳсоли нурӣ) ва масолеҳи бинокорӣ ибтидо гузошта шуд. Аз рӯи захира ва истеҳсоли хромит А. дар Европаи хоричӣ ҷои якумро ишғол менамояд (мавзеъҳои Булькиза, Мартанеши, Кукес); маъданҳои оҳану никель, мис, битум (Селеница) истихроҷ карда мешавад. Х. қ. соҳаи муҳимми хоҷагии халқ буда, 34,5% даромади миллиро медиҳад (1970); зиёда аз ½ аҳолӣ машғули он аст, 99,8% заминҳои корам дар ихтиёри хоҷагиҳои давлатӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ мебошад (1969). Ҳиссаи зироат дар маҳсулоти умумии х. қ. назар ба ҳиссаи чорводорӣ зиёдтар аст. Дар майдони бештар аз ⅔ ҳиссаи замин ғалла (ҷуворимакка, гандум, ҷавдор, сулӣ, шолӣ) мекоранд, зироатҳои техникӣ (пахта, лаблабуи ҷанд, тамоку ва ғ.) ва хӯроки чорво, сабзавот ва картошка меафзояд. Боғу токзорҳо (афлесун, анҷир, биҳӣ, бодом, шафтолу, олу, нок, себ, ангур) зиёд шуд. Дар

чарогоҳҳои кӯҳӣ асосан гӯсфанд, буз ва ҳайвони калони шохдор мепарваранд.

Наклиёти асосӣ автомобиль (90% боркашонии наклиётӣ) мебошад. Аввалин роҳи оҳан с. 1947 сохта шуд, он бандари баҳрии Дурресро бо ш. Петин ва баъд бо Тирана ва Эльбасан пайваст. Тӯли р. о. 266 км (1974). Бандарҳои асосии баҳрӣ: Дуррес ва Влёра. А. ба хориҷа хромит, маъдани оҳану никель, мис, нефть ва маҳсулоти нефть, битуми табиӣ, инчунин тамоку ва сигарет, чарм, пашм, мева ва сабзавот бароварда, аз хориҷа мошин ва таҷҳизот, прокат, воситаҳои наклиёт, дорувор, химикат ва молҳои сермасриф меҳарад. Воҳиди пул — лек. 100 лек = 18 сӯм.

Нигаҳдории тандурустӣ. Он асосан бепул аст. С. 1970 дар А. ба 10 ҳаз. наф. 70,8 кат рост омада, дар муассисаҳои тиббӣ 1808 духтур (1 духтур ба 1181 наф.) кор мекард. С. 1969 афзоиши табиии аҳолӣ ба 1000 наф. 2,8%-ро ташкил дод. Дарозии умр ба ҳисоби миёна — 65 сол.

Маориф. Дар асоси қонуни «Системаи нави маориф», ки онро Маҷлиси халкии РХСА 24 дек. 1969 қабул карда буд, дар А. таҳсили умумии ҳатмии 8-сола ҷорӣ гардидааст. Талабагоне, ки дар истеҳсолот кор накарда мактаби миёнаро ҳатм мекунанд, пеш аз дохил шудан ба мактаби олӣ ҳатман як сол дар истеҳсолот кор мекунанд. Студентон баъди ҳатми мактаби олӣ 8—9 моҳ дар истеҳсолот кор мекунанд. С. 1970 мамлакат 5 мактаби олӣ (Ун-ти давлатии Тирана, ин-тҳои х. к., рассомӣ, педагоги ва ин-ти физкультура 8,3 ҳаз. студент), 85 мактаби миёнаи касбӣ-техникӣ (32,9 ҳаз. талаба), 46 мактаби миёнаи маълумоти умумӣ ва 1374 мактаби 8-сола (260,6 ҳаз. талаба) дошт. С. 1974 АФ РХСА ташкил шуд.

С. 1970 дар А. 39 китобхона буд. Калонтарини онҳо: Китобхонаи миллӣ (1922) ва Китобхонаи ун-т (ҳар ду дар Тирана). Музейҳои асосӣ: Музеи археология (1948), Музеи этнография (1948) ва Музеи мубориза дар роҳи озодӣ (1949, дар Тирана).

Матбуот, радио ва телевизион. С. 1972 дар А. 65 газетаю журнал ва диг. нашриятҳои даврӣ бо тиражи 64 млн нусха интишор меёфт. Муҳимтарин газетаҳо: «Zëri i popullit» («Овози халқ») — органи КМ ПМА; «Bashkimi» («Ваҳдат») — органи ФДА; «Puna» («Меҳнат») — органи Совети марказии иттифоқҳои касбии А. ва г. Ташкилоти давлатии «Радио ва телевизиони Албания» мавҷуд аст. С. 1949 дар А. радиостанцияи «Тирана» сохта шуд. Радиошунавонӣ ба забони албанӣ, инчунин ба забонҳои хориҷӣ мебошад. Телевизион аз с. 1960 кор мекунад.

Адабиёт. Дар А. фолклор — манзума ва достонҳо бахшида ба паҳлавонҳо ва сурудҳои таърихӣ фаровонанд. Аввалин осори хаттии албанӣ, ки то имрӯз расидааст, «Формулаи ғусли таъмид» (1462) ном асари епископ Паль Энгели мебошад. Дар а-ҳои 16—17 нависандаҳои гуманист П. Буди, Ф. Барде, П. Богдани, М. Барлети бо номи «Таърихи ҳаёт ва корномаҳои Скандарбек» асаре таълиф намуданд. Муборизаи халқи албан бар зидди зулми туркҳо шавқу рағбатро ба эҷодиёти халқ зиёд кард. Дар байни нависандагони а. 19 албан И. Де Рада мақоми намоён дорад (манзумаи «Суруди Милосао», «Суруди Серафина Топин» ва «Скандарбеки бетолеъ»). Яке аз асосгузорони адабиёти нав Н. Фрашери буд (достони «Рама ва киштзор» ва «Саргузашти Скандарбек»). Шоирони барҷастаи реалисти а. 20 А. Чаюпи — тарафдори иттиҳоду истиқлоли миллӣ ва муборизаи албанҳо бар зидди асоратгарон (маҷм. «Падар Томори», памфлети «Клуби Салоника», мазҳакаи «Домоди чордаҳсола») ва Н. Мьеди (манзумаи «Нолаи булбул», маҷм. «Ювенилия») буданд.

Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар А. ашъори миллии озодихоҳии партизанӣ инкишоф ёфт. Мавзӯи ҷанг дар солҳои баъд ҳам равнақ гирифт (романи Д. Шутеричи «Озодкунандагон», с-ҳои 1952—55; П. Марко «Охирин шаҳр», 1960). Дар айни замон мавзӯи дигаргунсозиҳои иҷтимоии ҳаёт ба адабиёт дохил шуд.

Меъморӣ ва санъат. Истеҳкомҳои иллирие, ки аз сангҳои калон-калони нотарошида бино ёфтаанд, намунаи осори меъмории бадеии қадими кишвари А. мебошанд (ҳазорсолаи 1-ми то м.). Аз давраи атиқа (а. 7 то м.) осори иншооти мудофиавӣ, биноҳои ҷамъиятӣ ва истиқоматӣ маҳфуз мондааст. Дар асрҳои миёна дар меъмории калисоии А. иншооти типи махсуси Византия бартарӣ дошт. Баробари паҳн шудани ислом дар ш.-ҳои А. қасрҳои аъёну ашроф, бозорҳои тим ва масҷидҳо пайдо шуданд. Дар ш.-ҳои ҳозира маҳаллаҳое ҳастанд, ки шакли асримиёнагии худро нигоҳ доштаанд; маҳаллаҳое вомехӯранд, ки дар даҳсолаҳои аввали а. 20 ба миён омадаанд. Дар байни онҳо иморатҳои ҳозиразамон: хонаҳои 3—5 ошьёнаи хиштини балкону болохонадор дида мешаванд. Дар деҳаҳо ва посёлкаҳои коргаринишин хонаҳо камошьёна буда, аз рӯи лоиҳаҳои яксохт бино ёфтаанд.

Аввалин намоишҳои театрӣ дар мамлакат с. 1874 барпо гаштанд. Дар кори ба вуҷуд овардани драматургияи миллӣ нависандагони маорифпарвар С. Фрашери, М. Грамено, Ф. Ноли, А. Чаюпи ва диг. роли калон бозиданд. Дар солҳои ҷанг (1939—44) театрҳои партизанӣ вуҷуд доштанд. С. 1944 дар асоси ҳамин театрҳо аввалин театри касбӣ— Театри халқӣ дар Тирана ташкил гардид. Ин театр пьесаҳои таърихии муаллифони албан, рус ва муосирро ба саҳна мегузошт. Театрҳои касбӣ дар ш.-ҳои Шкодер (1949), Корча (1950) ва Дуррес (1953) низ ташкил шудаанд. Аз с-ҳои 50-ум киностудияи «Албанияи нав» (Тирана) кор мекунад: маҳсули кори якҷояи кинематографистони албан ва советӣ фильми «Сарбози бузурги Албания Скандарбек» аввалин таҷрибае буд дар соҳаи кинематографияи бадеӣ. Аз с. 1958 фильмҳои пурраҳаҷми бадеӣ, ҳуҷҷатӣ ва илмию оммавӣ бароварда мешаванд.

Харитаро ниг. дар саҳ. 96—97.

Ад.: Валев Э. Б., Албания, М., 1960; Арш Г. Л., Сенкевич И. Г., Смирнова Н. Д., Краткая история Албании, М., 1965.

АЛБАНИЯИ КАВКАЗ, қадимтарин давлати Закавказияи Шимолӣ (дар соҳили Хазар), ки аҳолиаш аз қабилаҳои гуногун, аз ҷумла албанҳо иборат буд. Мувофиқи маълумоти муаллифони антиқӣ ва солноманависони арман аҳолии А. К. дар охири ҳазорсолаи якуми то м. бо зироат, чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул буд. Дар асоси ин моликияти ғуломдорӣ ба миён омад ва давлат пайдо шуд. Шаҳри асосии он — Кабала буд. Халқи А. К. дар а. 1 то м. бо халқҳои Арманистон ва Гурҷистон зидди ҳуҷумҳои Рими Қадим (юришҳои Лукулл, 69—67 то м. ва Помпей, 66—65 то м.) қаҳрамонона мубориза бурдааст. Дар а-ҳои 3—5 муносибатҳои феодалӣ пайдо шуд ва дини насроӣ маъмул гардид. Дар

Театр дар Бутринг. Асри 3 то милод.

а. 6 Сосониён сулолаи шоҳони Албанияро барҳам доданд, вале дар а. 7 дар натиҷаи муборизаи бардавом А. К. истиқлол ба даст овард. Дар а. 7 алифбои албан такмил ёфта, «Таъриҳи агван» мураттаб гардид. Дар а. 8 қисми зиёди аҳолии А. К. мазҳаби мусулмониро қабул кард. Қисме аз озариҳои имрӯза авлоди А. К. мебошанд.

Ад.: История Азербайджана, т. 1, Баку, 1958; Вопросы истории Кавказской Албании, Баку, 1962.

АЛБАНҲО, (худро дар шакли танҳо шқиптар — Shqiptar меноманд), миллат, аҳолии ассосии Республикаи Халқии Албания. Зиёда аз 3 млн (1968), аз ҷумла дар Албания 1 млн 940 ҳаз., Юнон — 10 ҳаз., СССР — 4,4 ҳаз. (1970) зиндагӣ мекунанд. Дар ШМА, Бразилия, Канада, Австрия, Франция низ ҳастанд. Забони А. ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуевропоӣ дохил аст. Иллириҳо, ки дар замони қадим дар қисми ғарбии нимҷаз. Балкан мезистанд ва қисман фракиҳо аҷдоди А. буданд. Истилоҳи А. бори аввал ба маънои қабила дар адабиёти а. 2 вомехӯрад. Аз а. 11 ҳамаи сокинони Албанияи ҳозираро А. меноманд. Ҳукмронии бардавоми римиҳо (а. 2 то м.—а. 4 м.) ва туркҳо (а. 15—1912) ба забон, маданият ва симои этникии А. таъсир гузошт. Албания дар давраи феодализм ба парокандагии сиёсӣ, иқтисодӣ ва этникӣ дучор шуд, ки ин то а. 20 давом кард. Ғалабаи рев. халқӣ дар Албания (1944) ва гузариш ба сохтмони социализм барои иттиҳоди А. шароит муҳайёё кард. Аксари диндорони А. мусулмон, қисми хурде православ ва католик мебошанд. Донр ба хоҷагӣ ва маданияти А. ниг. *Албания.*

АЛ-БАРМАКӢ البرمكى маъруф ба Алии Бармакӣ (с. тав. номаълум — ваф. 930—31, Бағдод), мусиқишинос, машшоқ, бастакори форс-тоҷик. Илми мусиқиро дар Хуросон омӯхта, муддате дар дарбори халифа Ал-Муқтадир (ваф. 932) чун машшоқ хизмат кардааст. Дар Бағдод А.-ро пешвои мактаби мусиқии ин шаҳр медонистанд. Рисолаҳои «Китоб-ут-танбӯрин» («Китоби танбӯриён»), «Китоб-ун-нудамо» («Китоби надимон») аз асарҳои машҳури ӯ роҷеъ ба мусиқист.

«АЛ-БАРОҲӢН ДАР ИЛМИ КАЛОМ» البراهين در علم كلام таълифи файласуфи мутакаллим Фахруддини Розӣ (1148—1210). Розӣ ваҷҳи навиштани асарро дар муқаддима чунин шарҳ додааст: «Хоса дар ин рӯзгор, ки анвои бидъатҳо зоҳир шудаст ва аксари халқ динро доми дунёё карда, пас ба ҳукми султони ислом (яке аз ҳокимони Мовароуннаҳр — Сом ибни Муҳаммад) ин китоб ба забони форсӣ навишта шуд». А. Б. муҳимтарин масъалаҳои назарияви: моҳияти олам, ҷавҳари фард, моддаю сурат, нафс, фаною бақо, ихтиёр ва ғ.-ро, ки дар ҳалли онҳо файласуфони ҷараёнҳои гуногун бо якдигар ихтилоф доштаанд, дар бар мегирад. Розӣ ин масъалаҳоро аз мавқеи фалсафаи *калом* ҳал намуда, ақидаи файласуфонро дар бораи сабабияти табиӣ ва қадимии олам, ки хилофи таълимоти мутакаллимон буд, ҳадафи танқид қарор додааст. *Н. Қулматов.*

АЛБАСТӢ, персонажи мифологӣ, ки аз давраҳои хеле қадим дар тасаввуроти халқҳои эронӣ ва туркнажод ҷой дорад. А.-ро Алвастӣ, Олмастӣ, Алборсӣ, Ҳайвастӣ, Холмастӣ ҳам меноманд. А.-ро ба форсӣ Ол, Модари Ол, ба туркӣ Ал ё Алг мегӯянд, ки маъноои он «сурх», «хунин» мебошад. Калимаи «бастӣ» лафзи туркӣ буда, маъноояш «пахш кард» аст. А.-ро ба арабӣ Умми сибьён (Модари кӯдакон), дар шеваҳои тоҷикӣ Собиён ё Симиён, Она Симиён, Симиёнпарӣ низ мегӯянд. Аз рӯи ақидаҳои хурофӣ гӯё А. ба занҳои бачила, кӯдакони навзод, наварӯсон, муҷаррадҳо ва ҳайвонот зарар мерасондааст. Дар ибтидо А. аз зумраи рӯҳҳои раҳмонӣ буда, вазифаи олиҳаи таваллуд ва обу ҳосил Анаҳиторо адо мекард. Дар натиҷаи ғолиб омадани дини зардуштӣ ва баъд ислом бар динҳои дигар бисьёр маъбудҳои пешин мавқеи худро аз даст доданд. Аз ҷумла, А. ҳам ба руҳи шайтонӣ табдил ёфтааст. Мардуми советӣ ба ин ҳама тасаввури нодуруст бовар надоранд. *О. Муродов.*

АЛБРӮС, баландтарин қуллаи қаторкӯҳи Паҳлӯии Кавказ. Калон. А. конуси дусараи вулқони хомӯш буда, аз лавоҳои андезитӣ таркиб ёфтааст. Баландии қуллаи ғарбӣ 5642 м, шарқӣ — 5595 м. Масоҳ. пирьяхҳо 138,5 км². Аз наздикии А. д. Кубань сар мешавад. А. яке аз марказҳои кӯҳнавардӣ ва туризм дар Кавказ аст.

АЛБӮРЗ البرز, кӯҳҳои Эрон, ки соҳили б. Каспийро аз Ҷ. фаро гирифтаанд. Тӯли А. қариб 900 км, бараш то 120 км, бал. то 5604 м (вулқони хомӯши Дамованд). А. якчанд қ-кӯҳҳои мутавозиро дарбар гирифта, асосан аз оҳаксангу регсанг ва чинсҳои вулқонӣ таркиб ёфтааст. Нишебаҳояш фароз, сатҳаш нисбатан ҳамвор. Кӯҳҳоро водии д. Сафедрӯд бурида мегузарад. Дар нишебаҳои шимолии А. бешаҳои зичи дарахтони паҳнбарг, дар нишебаҳои ҷанубии он буттаҳои ксерофитӣ (хушкидӯст) меруянд. Конҳои нефть ва маъдани мис дорад.

АЛГЕБРА (аз ар. الجبر — алҷабр), қадимтарин фасли математика буда, аз маҷмӯъҳои элементҳояшон дилхоҳ, ки дар онҳо амалҳои алгебравӣ муайян шудаанд, баҳс мекунад. Гурӯҳ, ҳалқа, майдон, структураҳо ва ғ. низ мавзӯи тадқиқоти А. мебошанд.

Алгебраи элементарӣ, ки яке аз соҳаҳои А. ҳисоб меёбад, муодилаву нобаробариҳои дараҷаи якум ва дуюм, ҳолатҳои хусусии муодилаҳои дараҷаи олӣ, мафҳуми адад, табдилоти айниятӣ ва масъалаҳои комбинаторикаро меомӯзад.

Алгебраи олӣ алгебраи хаттӣ, назарияи гурӯҳҳо, назарияи майдон, бисьёрузваҳо, ҳалқа, модул ва структураҳоро дарбар мегирад.

Ба маъноои васеи сухан А. илмест дар бораи маҷмӯъҳои гуногунэлементе, ки дар онҳо амалҳои оддии ҷамъу зарб умумият меёбанд.

А., ки якҷоя бо арифметика ва геометрия аз қадимтарин фаслҳои математика ҳисоб меёбад, дар заминаи талаботи амалии ҷамъият ва дар натиҷаи ҷустуҷӯи тарзҳои умумии ҳалли масъалаҳои арифметика ба вуҷуд омад. Бобулиёни қадим муодилаҳои дараҷаи якумро ҳал карда метавонистанд, вале аломату ишоратҳои математикии онҳо такмил наёфта буд. *Диофант* аввалин аломатҳои ҳарфиро барои ифодаи номаълумҳои муодила истифода бурд (а. 3). Ӯ муодилаҳои дараҷаи якум ва дуюмро ҳал ва муодилаҳои номуайяншро тадқиқ кард, ки ҳоло *муодилаҳои Диофант* ном гирифтааст.

Математикони Осиёи Миёна низ дар инкишофи А. саҳми бузург гузоштаанд. Донишманди бузурги Шарқ *Хоразмӣ* дар «Ҳисоб-ал-ҷабр в-ал-муқобала» ном рисолааш бори нахуст тарзи ҳалли муодилаҳои квадратиро бо коэффициентҳои ададӣ нишон дод. Истилоҳи «алгебра» дар натиҷаи ба забони лотинӣ ба ҳамин шакл тарҷума шудани асари номбурда ба миён омад. Аз давраи Хоразмӣ А. чун соҳаи мустақили математика шакл гирифт. *Абулвафои Бузҷонӣ* усулҳои аз решаҳои дараҷаи 3, 4 ва 5-ум баровардани ададҳоро пешниҳод кард. Умари *Хайём* низ рисолаи «Фӣ-л-бароҳин ило масоили-л-ҷабр ва-л-муқобала»-ро (1074), навишт, ки дар он на танҳо ҳалли муодилаҳои дараҷаи якум ва дуюм, балки усулҳои ҳалли геометрии муодилаҳои дараҷаи сеюм оварда шудаанд. Хайём биноми ададҳои бутунро кашф кард (ниг. *Биноми Ньютон*). *Ҷамшеди Кошонӣ* усули итерациониии ҳалли муодилаҳои дараҷаи сеюмро нишон дод. *Алоуддини Қушчӣ* ба А. мафҳуми адади манфиро дохил кард.

Усулҳои алгебравӣ тадриҷан усулҳои арифметикиро иваз карданд. Дар охири а. 15 аломати ҷамъ ва тарҳ, дараҷа, реша, қавс, зарб, тақсим ва ғ. ба вуҷуд омаданд. Ф. Виет номаълумҳоро бо ҳарфҳои садонок (A, E, I, ...), маълумҳоро бо ҳамсадоҳо (B, C, D, ...) ишора намуд. Ӯ бо ёрии аломатҳои амалҳои математикӣ масъалаҳои алгебравиро дар шакли формула навишт. Аз давраи Р. *Декарт* барои ифодаи номаълумҳо ҳарфҳои лотинӣ (x, y, z) истифода шуданд. С-ҳои 50-уми а. 17 аломат

ва ишоратҳои математикӣ пурра ташаккул ёфтанд (ниг. *Аломатҳои математикӣ*). Ба математика дохил шудани аломат ва ишоратҳои рамзӣ барои тартиб додани формулаҳо аҳамияти бузург дошт. Бо истифодаи формулаҳо тараққиёти пуравҷи математикаи олӣ, ба вуҷуд омадани таҳлили математикӣ, ифодаи математикии қонунҳои физика ва механика имконнопазир буд. Пас аз тадқиқоти Декарт, ки барои буньёд кардани геометрияи таҳлилӣ тасвири аёнии ададҳои манфиро нишон дод, ба математика ададҳои манфӣ комилан дохил шуданд (ниг. *Системаи координатаҳои Декарт*). Агар юнониёни қадим масъалаҳои алгебравиро ба шакли геометрӣ оварда бошанд, дар навбати худ аломатҳои математикӣ имкон доданд, ки масъалаҳои геометрӣ ба забони формулаҳои алгебравӣ ифода ёбанд. Ҳамин тариқ А. то а. 18 тақрибан ба он ҳаҷме, ки имрӯз дар мактабҳои миёна омӯхта мешавад, ташаккул ёфт.

Усули ҳалли муодилаи алгебравии дараҷаи сеюм бо номи Ҷ. Кардано, усули ҳалли муодилаҳои алгебравии дараҷаи чорум бо номи А. Феррари алоқаманд аст. Н. *Абель* ва Э. *Галуа* исбот карданд, ки ба намуди умумӣ муодилаҳои дараҷаашон аз 4 зиёдро дар радикалҳо ҳал кардан мумкин нест. Назарияи Галуа ба таъриҳи давраи классикии А. хотима дод, ба таваллуд ва инкишофи назарияи гурӯҳҳо ва назарияи майдон асос гузошт. Ж. Даламбер ва К. Гаусс нишон доданд, ки муодилаи дараҷаи n-уми коэффициенти комплексӣ ба n решаи комплексӣ молик аст (ниг. *Теоремаи асосии алгебра*). Ҳалли аксари масъалаҳои назариявию амалӣ бо системаи муодилаҳои бисьёрномаълума алоқаманд аст. Махсусан системаи муодилаҳои хаттӣ, яъне системаи m — муодилаи дараҷаи якуми n-номаълума ҷолиби диққат аст, ки якҷоя бо *матрица* ва *муайянкунанда* предмети алгебраи хаттиро ташкил медиҳад.

Минбаъд А. и хаттӣ, ки ба инкишофи он геометрияи таҳлилии Р. Декарт такони зӯр дод ва назарияи алгебравие, ки дар натиҷаи васеъ шудани мафҳуми ададҳои комплексӣ пайдо шуд, асоси А.-и а. 20-ро ташкил доданд.

Абстрактнокии А.-и муосир барои дар соҳаҳои гуногуни илм, техника ва иқтисодиёт татбиқ намудани он ҳалал намерасонад. Бисьёр масъалаҳои механикаи квантӣ, кристаллография, физикаи атом ва ядро, назарияи заррачаҳои заряднок ва г.-ро ба туфайли назарияи гурӯҳҳо шарҳ додан имконпазир гардид.

А.-и хаттии фазоҳои бисьёрченд барои дар ҳисобмошинҳои электронӣ ҳал кардани масъалаҳои муҳими иқтисодиёти ҳоҷагии халқ (мас., ташкили оптималонаи боркашонӣ, супурдани заказҳо) заминаи назариявӣ ба вуҷуд меоварад. Дар соҳаҳои мухталифи математика мунтазам истифода бурдани усулҳои алгебравӣ боиси инкишофи онҳо гардид. Мас., синтези А. ва назарияи функцияҳо *таҳлили функционалиро* ба вуҷуд овард, ки дар натиҷа физикаи математикӣ ва фаслҳои классикии таҳлили математикӣ бо воситаҳои нави тадқиқот таъмин гардиданд. Истифодаи А. дар омӯхтани фазоҳои топологӣ боиси пайдоиши алгебраи топологӣ гардид. Усулҳои алгебраи топологӣ дар навбати худ боиси пайдо шудани равияи нав — алгебраи гомологӣ шуд.

Дар инкишофи ҳозираи геометрияи алгебравӣ, ки гуногуншаклиҳои алгебравиро меомӯзад, роли А. муҳим аст. Дар назарияи гурӯҳҳои Ли истифода бурдани усулҳои геометрияи алгебравӣ А.-ро бо назарияи гурӯҳҳои алгебравӣ бой гардонд.

А. яке аз фаслҳои асосии математикаи муосир аст ва пайваста бо объектҳои гуногуни математика минбаъд низ инкишоф хоҳад ёфт.

Ғ. Б. Бобоев, А. Қурбонов.

АЛГЕБРАИ МАНТИҚ, қисми таркибии мантиқи математикӣ, ки дар он маъноии мантиқии гуфтор ва амалҳои мансуби он ба воситаи методҳои алгебравӣ тадқиқ мешавад. А. м. аввалин системаи мантиқист, ки дар он мафҳум, ҳукм ва хулосабарориҳои мантиқӣ бо ёрии рамзҳои алгебравӣ ифода мешаванд.

Асосгузори А. м. математик ва мантиқшиноси англис Ҷ. Буль гуфторҳоро бо рамзҳои алгебравӣ ишора намуда, амалҳо ва хулосабарориҳои мантиқиро бо усулҳои алгебравӣ омӯхт. Минбаъд А. м. дар асарҳои Ч. Пирс, П. С. Порецкий, Б. Рассел, Д. Гильберт, А. Н. Колмогоров ва диг. такмил ёфт. Мавзӯи асосии А. м. *гуфтор* мебошад. Гуфтор чунин ҷумлаест, ки маънояш рост ё дурӯғ аст. Мас., аз гуфтори «Суқрот файласуф аст», «Мурғ хазанда мебошад», гуфтори аввал рост, вале дуюм дурӯғ аст. Дар А. м. барои ифодаи ростии гуфтор ҳарфи Р ё рақами 1 ва барои ифодаи дурӯғии он ҳарфи Д ё рақами 0 истифода мешаванд. Агар дар алгебра ба воситаи рамзҳо ададҳо ифода шаванд, дар А. м. бо рамзҳо ҳукм ифода мешавад. Мантиқи математикӣ ҳам рамзҳои махсус дорад, ки онҳо барои ба тарзи формулаҳо ифода кардани амалҳои асосии мантиқ имкон медиҳанд.

Ин рамзҳоро операторҳои мантиқӣ меноманд ва онҳо алоқаву муносибати мафҳумҳои процесси мантиқиро инъикос менамоянд. Барои ифодаи рамзии гуфтори ҷузъӣ, одатан ҳарфҳои А, В, С, ... ва барои ифодаи гуфтори тағьирпазир ҳарфҳои X, Y, Z, ... истифода мешаванд.

Умдатарин операторҳое, ки дар А. м. истифода мешаванд, инҳоанд: $\rightarrow$ ё $\supset$ (импликация), ба маъноии «дар он сурат, дар он ҳол, пас». Мас., ифодаи $A \rightarrow B$ чунин хонда мешавад: «агар А бошад, дар он сурат В мешавад», $\wedge$ ё $\&$ (конъюнкция), ба маъноии «ва». Ифодаи $A \wedge B$ ин тавр хонда мешавад: «А ва В»; $\vee$ (дизъюнкция), ба маъноии «ё». Ифодаи $A \vee B$ ин хел хонда мешавад: «А ё В»; — (хатча аз боло) ё $\neg$ (инкор), ба маъноии «на». Ифодаи $\bar{B}$ ин тавр хонда мешавад «на В».

Ба воситаи ин операторҳо муҳокимаҳои оддии бо ҳарфҳо ифодашавандаро аз рӯи вобастагии мантиқиашон муттаҳид намуда, формулаҳои мантиқӣ ба вуҷуд меоваранд. Ин формулаҳо мантиқан таркиби қиёс (силлогизм)-ро инъикос менамоянд.

А. м. инчунин функцияҳои пропозициониро тадқиқ мекунад. Мас., функцияи пропозиционии «Х сайёра аст» дар мавриди ба ҷои Х номи предмет, чунончи «Офтоб»-ро гузоштан дурӯғ мешаваду дар мавриди «Замин»-ро гузоштан — рост. А. м.-и муосир методҳои аксиомӣ, назарияи маҷмӯъҳо, назарияи алгоритмҳо, топология ва г.-ро низ васеъ истифода мебарад. Қонунҳои асосии А. м. қонунҳои коммутативӣ, ассоциативӣ, дистрибутивӣ, зиддият, истисноии салоса, контропозиция, инкори дукарата ва г. мебошанд. Усулҳои А. м. ва диг. қисмҳои мантиқи математикӣ (ҳисоби гуфторҳо, ҳисоби предикатҳо, ҳисоби гурӯҳҳо ва г.) дар ҳар гуна конструкцияи автоматҳо, назарияи занҷири электрикӣ, назарияҳои схемаи релей-контактӣ ва диг. соҳаҳои техника ба таври васеъ истифода мешавад. Дар навбати худ инкишофи ин соҳаҳои техника дар назди А. м. масъала ва проблемаҳои нав хоҳад гузошт.

Н. Сайфуллоев.

АЛГЕБРАИ ХАТТӢ, дар амалия, муҳимтарин фасли *алгебра*. Аввалин масъалае, ки дар соҳаи А. х. ба миён омад, назарияи *муодилаҳои хаттӣ* буд. Инкишофи назарияи муодилаҳои хаттӣ аввал боиси пайдоиши назарияи *муайянкунандаҳо*, баъдтар боиси ба миён омадани назарияи *матрицаҳо* ва назарияи бо он алоқаманди *фазои векторӣ* гашт. А. х. назарияи шаклҳо, қисман назарияи *инвариантҳо* ва ҳисоби тензориро низ дар бар мегирад. Баъзе бобҳои *таҳлили функционалӣ* натиҷаи инкишофи масъалаҳои дахлдори А. х. мебошанд.

АЛГОЛ (англ. Algorithmic language — забони алгоритмӣ), забони алгоритмие, ки дар программасозӣ истифода мешавад. Алгоритмҳое, ки бо ин забон навишта шудаанд, ба забон (программа)-и ҳисобмошинҳои гуногун ба воситаи транслятори махсус гузаронда мешавад. А. байни забони инсон ва забони мошин воситаи мебошад. С. 1960 дар Конферен-

ции байналхалқии Париж қабул карда шудааст. Ниг. *Забони программасозй.*

АЛГОЛОГИЯ (лот. alga — обсабз ва *...логия)*, илм дар бораи *обсабзҳо*; яке аз фаслҳои *ботаника.*

АЛГОРИТМ, алгоритм, қоидаи бо тартиби муайян иҷро намудани системаи амалҳое, ки дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои типи маълум истифода мешавад.

Дар асрҳои миёна қоидаҳои чор амали арифметикаро дар системаи даҳй А. меномиданд. Чунин қоидаҳоро дар а. 9 бори нахуст олими машҳури Шарқ *Хоразмй* дар асари худ «Ҳисоб-ал-ҳинд» ҷорй кард. Дар Европа ин навъ қоидаҳоро бо номи ӯ «алгоризм» мегуфтагй шуданд. Сонитар ин ном ба «алгоритм» табдил ёфт, зеро мутарҷимони Ғарб ҳангоми тарҷумаи «Ҳисоб-ал-ҳинд» (а. 12) номи «ал-Хоразмй»-ро ба лотинй «Algorithmys» ва «Algorithmi» тарҷума карда буданд.

Дар илм алгоритмҳои бисьёр, аз ҷумла «алгоритми Евклид», «алгоритми Ҷамшеди Кошонй», «алгоритми Лурье», «алгоритми Марков» ва ғ. маълуманд. Ҳоло шумораи алгоритмҳои мухталиф беш аз пеш афзуда, барои ҳалли масъалаҳои гуногуни математикй, мантиқй, идоракунй ва ғ. истифода мешаванд. Чунончи, ҳоло дар бораи А.-ҳои тарҷума аз як забон ба забони диг., масъалаҳои иқтисодй, ташхиси беморй, А.-и кори диспетчери поезд, алгоритми процессҳои идоракунй ва ғ. сухан рондан мумкин аст.

Қимати А. дар он аст, ки масъала ҳаддалимкон бо роҳи кӯтоҳ ва қулай ҳал мешавад. Ҳалли алгоритмии масъала ба операцияҳои содда чудо карда шуда, ҳангоми риояи қатъии шартҳои алгоритм ба таври механикй амалй мегардад. Ба туфайли васеъ шудани мафҳуми А. *назарияи алгоритмҳо* пайдо шуд, ки хосиятҳои умумии алгоритмҳоро меомӯзад ва асоси назариявию мантиқии *кибернетика* мебошад. Дар ҳисобмошинҳои электронии зудкор татбиқ ёфтани назарияи алгоритмҳо дар амалй гардондани алгоритмҳои мураккабтарин, ки аз садҳо ҳазор амалҳои содда иборат аст, имкониятҳои калон фароҳам меоварад.

Н. Рабеъчонов.

АЛДАН, дарьё дар РАСС Ёқут., шохоби рости Лена. Тӯлаш 2273 км, масоҳ. ҳавзааш 729 ҳаз. км². Аз нишебаҳои шимолии қ-кӯҳи Становой сар шуда, аз байни кӯҳсори Алдан ва доманаи қ-кӯҳи Верхоянск мегузарад. Аз резишгоҳаш то истгоҳи Томмот киштигард аст. Шохобҳои калонаш: аз рост — Тимптон, Учур, Мая, Аллах-Юнь; аз чап — Амга. Манбааш барфу борон. Сарфи миёнаи солонаи об дар резишгоҳ 5060 м³/сон. Окт. ях баста, май об мешавад. Дар А. моҳй фаровон аст. Ҳавзаи А. конҳои тилло, ангишт, абрақ дорад. Истгоҳҳои асосии киштй: Томмот, Усть-Мая, Хандыга.

АЛДАН, кӯҳсор дар Сибири Шаркй, дар ҷан. РАСС Ёқут. Шимолтари қ-кӯҳи Становой, байни д-ҳои Олёкма ва Учур ҷойгир аст. Дар А. панҳкӯҳҳои баландиашон 800—1000 м бештаранд. Дар байни онҳо қуллаҳо ва қ-кӯҳҳои хурд (Янгии Ғарбй, Суннагын, Кет-Кап ва ғ.) мавҷуданд, ки то 1400—2306 м бал. доранд. А. асосан аз гнейсу варақасангҳои кристаллй таркиб ёфтааст. То баландии 1100—1300 м бешаҳои санавбару шарбин ва болотар бешаҳои тунуки шарбину чакалакзори абҳул, аз он ҳам болотар тундраи санглох дучор мешавад. Конҳои маъдани оҳан, ангишт, абрақ, тилло дорад.

АЛЕВРИТ (юн. aleuron — орд), гурӯҳи ҷинспораҳои ковоки (ночаспидаи) таҳшин, ки аз заррачаҳои хеле хурди минералй (0,01—0,1 мм) таркиб ёфтаанд. Аз рӯи андозаи заррачаҳо аз рег маҳинтар ва аз гил дурушттаранд. Ба А. чанг, лойқа, лёсс ва ҷинсҳои лёссмонанд мансубанд.

АЛЕВРОЛИТ (юн. аз aleuron ва lithos — санг), *алеврите*, ки ба ҷинсҳои зичу сахти кӯҳй табдил ёфтааст.

АЛЕКСАНДР НЕВСКИЙ (тақр. 1220—14. 11. 1263), ходими давлатии рус, лашкаркаш, князи Новгород (1236—51); аз с. 1252 князи кабири Владимир. Заминҳои шимолу ғарбии русро аз рыцарьҳои немис ва феодалҳои швед муҳофизат кард. 15 июли 1240 бо як гурӯҳ ҳарбиён дар соҳили д. Нева ба шведҳо ҳамлаи ногаҳонй оварда, қӯшуни онҳоро торумор кард ва аз ин ҷо лақаби «Невский»-ро гирифт. 5 апр. 1242 қӯшуни рус дар зери фармондеҳии А. Н. дар рӯи яхи кӯли Чуд рыцарьҳои немиси *ордени Ливонро* шиқаст дода, пеши роҳи онҳоро ба Шарқ гирифт ва бо ҳамин бехатарии Русьро дар Ғарб ба муддати дароз таъмин намуд. А. Н. бо сиёсати зиракона худ шаҳрҳои русро аз тохтутози тотору мӯғулҳо эмин дошт.

АЛЕКСАНДРИ I (23. 12. 1777, Санкт-Петербург — 1. 12. 1825, Таганрог), императори Россия аз 12 марти 1801. Пас аз қатли падараш — Павели I ба тахт нишаст. Ислоҳоти А. I (Указ дар бораи деҳқонони озод, таъсиси вазоратҳо ва ғ.) асосии сохти крепостниро халалдор накард. Дар охири ҳукмронияш илҳомбахши *аракчеевчигй* буд. Дар сиёсати хорижй кӯшиш мекард, ки фаъол бошад. Шикасти қӯшуни рус дар муҳорибаи назди Аустерлиц (1805) Селаёқатии ӯро дар кори ҳарбй исбот кард. Дар ибтидои Ҷанги ватании 1812 дар армияи амалкунанда буд, вале аз сабаби белаёқатй ва ноҳуҳабарой аз роҳбарии он дур шуд. Дар натиҷаи таъсири афкори ҷамъият маҷбур гардид, ки М. И. *Кутузовро* сарфармондеҳ таъин кунад. Яке аз муассисони ташкилоти иртиҷоии *Иттифоқи муқаддас.*

АЛЕКСАНДРИ II (29. 4. 1818, Санкт-Петербург — 13. 3. 1881), императори Россия аз 19 февр. 1855. Писари Николаи I. Аз ҷиҳати ақидаи сиёсй консерватор буд. Вазъияти мамлакат — тараққиёти иқтисодй, маглубият дар ҷанги Қрим (1853—56), бедории ҷамъият ва фишори революционй А. II-ро маҷбур кард, ки чанд ислоҳоти буржуазй гузаронад: ҳуқуқи крепостниро бекор кард (ниг. *Ислоҳоти деҳқонии 1861*), кори земство, суд, шаҳрҳо, ҳарбй ва ғ.-ро ислоҳ намуд. Баъди пахш кардани шӯриши Польша с-ҳои 1863—64 А. II сиёсати реакциониро пеш гирифт. Барои ин суиқасди аввал ба А. II баҳона шуд. Суиқасд чанд маротиба такрор ёфт. С. 1880 бо мақсади муборизаи зидди ҳаракати революционй Комиссияи олии фармонравой таъсис намуд, ки вазифаи он на танҳо бадарға кардани озодихоҳон, балки инчунин қабули чанд ислоҳоте буд. Дар сиёсати беруна тарафдори наздикй бо Германия буда, ба масъалаи Шарқ хеле аҳамият медод. С. 1877 бо мақсади дар Балкан зиёд намудани таъсири Россия бо Туркия ҷанг сар кард. 1 марти 1881 бо ҳукми комитети иҷроияи «Народная воля» («Иродаи халқ») бо бомба кушта шуд.

АЛЕКСАНДРИ III (10. 3. 1845, Санкт-Петербург — 1. 11. 1894), императори Россия аз 1 марти 1881; писари *Александри II.* Дар мамлакат истибдоди беҳаҷмона ҷорй кард; сиёсати «аксулислоҳот»-ро пеш гирифта, полицияро қувват дод, ислоҳоти буржуазии А. II.-ро маҳдуд намуд, барои пурзӯр кардани муборизаи зиддиреволюционй «Манифести мустаҳкам гардондани мутлақият»-ро эълон кард (1881). С.-ҳои 80-ум, чун муносибат бо Германия бад шуд, А. III дар сиёсати хорижй тарафдори ҳамкорй бо Франция гардид, ки дар натиҷа *Иттифоқи Франсияю Россия* ташкил ёфт.

АЛЕКСАНДРИТ, яке аз хелҳои минерали *хризоберилл.* Форм. химиявиаш $BeAl_2O_4$. Рангаш дар рӯзи равшан сабзи зумуррадй, дар рӯшноии сунъй сурхи бунафштоб. Сахтиаш 8,5; зичиаш қариб 3700 кг/м³. Дар конҳои пегматитй ҳамроҳи берилл, фенакит, рутил, флюорит, апатит ва минералҳои диг. вомехӯрад. А. санги гаронбаҳои дараҷаи 1-м буда, конҳои он дар СССР, Бразилия, Африкаи Ҷанубй, Мадагаскар, Шри-Ланка мавҷуданд.

АЛЕКСАНДРИЯ, шаҳр дар шимоли РМА. Ниг. *Искандария.*

АЛЕКСАНДРОВ Александр Васильевич (13. 4. 1883 деҳаи Плахино, губ. Рязань — 8. 7. 1946, Берлин), бастакори советии рус, дирижёр. Арт. Халқии СССР (1937). Аъзои КПСС аз

с. 1939. Генерал-майор (1943), доктори санъатшиноси (1940), асосгузори Ансамбли суруд ва рақси Армияи Советӣ (1928). А. муаллифи мусиқии Гимни Иттифоқи Советист (1943). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1942). Бо 2 ордени Ленин мукофотонида шудааст.

АЛЕКСАНДРОВ Александр Данилович (тав. 4. 8. 1912, Волынь, губ. Рязань), математики советӣ, акад. АФ СССР (1964).

Аъзои КПСС аз с. 1951. Ректори Ун-ти Ленинград (1952—64). Аз с. 1964 дар Шӯъбаи Сибирии АФ СССР кор мекунад. Тадқиқоти барҷастаи А. асосан ба геометрия оид аст. Вай усулҳои омӯхтани хосиятҳои метрии фигурахои геометриро кашф кард, ки онҳо боиси пайдо шудани соҳаи нави тадқиқот — гуногуншаклиҳои метрии номунтазам гардиданд. Усулҳои мазкур соҳаи тадқиқоти геометриро хеле васеъ намуда, боиси кашфи як қатор проблемаҳои классикии назарияи сатҳҳо гардиданд ва дар назарияи муодилаҳои дифференциали ва назарияи ҷилдҳои чандир татбиқ ёфтанд. А. дар соҳаи асосҳои назарияи нисбият ва фалсафа низ тадқиқот бурдааст. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1942), Мукофоти байналхалқии ба номи Лобачевский (1951). Бо ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст. Устоди спорти СССР доир ба альпинизм (1949).

АЛЕКСАНДРОВ Анатолий Петрович (тав. 13. 2. 1903, ш. Тараща, вил. Киев), физики советӣ, акад. АФ СССР (1953).

Президенти АФ СССР (аз 1975). Аъзои КПСС аз с. 1962. Се карат Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1954, 1960, 1975), директори Ин-ти проблемаҳои физикаи АФ СССР (1946—55), аз с. 1960 директори Ин-ти энергияи атомӣ ба номи Курчатов. Асарҳои ӯ ба физикаи диэлектрикҳо, пайвастҳои макромолекула ва назарияи статистикии ҷисмҳои сахт бахшида шудаанд. Усули аз миллаҳо муҳофизат кардани киштиҳоро кор кард (1936), ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ васеъ истифода шуд. Аз с. 1946 дар бунёд кардани *реакторҳои ядроӣ* кор мекунад. Аз с. 1966 аъзои КМ КПСС. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1959) ва Мукофотҳои давлатии СССР (1942, 1949, 1951, 1953). Бо 7 ордени Ленин, орденҳои Революцияи Октябрь, Байрақи Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АЛЕКСАНДРОВ Борис Александрович (тав. 4. 8. 1905, Бологое), бастакор ва дирижёри советӣ, Арт. Халқии СССР (1958).

Генерал-майор. Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1975). Писари А. В. *Александров*. С. 1929 Консерваторияи Москваро (синфи композицияи Р. М. Глиэр) хатм намудааст. Дирижёр ва мудири қисми мусиқии Театри марказии Армияи Советӣ буд. Аз с. 1937 фаъолияти А. ба Ансамбли суруд ва рақси Байрақи Сурхдори Армияи Советӣ (аввал дирижёр, ва баъди вафоти падараш аз с. 1946 сардор ва роҳбари бадеии ансамбль) алоқаи мустаҳкам дорад. А. як қатор суруд («Суруди ғалаба», «Зинда бод Ватани мо», «Аскарҳо мерафтанд», «Фарзандони 15 республика» ва г.), ораторияи «Аскари Октябрь сулҳро муҳофизат мекунад»-ро (1967) навиштааст. Муаллифи опереттаҳои «Духтаре аз Барселона» (1942), «Нозанини ман» (1946), балети «Левша» (1955). Оперетти А. «Тӯй дар Малиновка» (1937), ки дар асоси оҳанги сурудҳои халқии украинӣ эҷод шудааст (с. 1968 фильм офарида шуд), шӯҳрати зиёд дорад. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1950). Бо 3 ордени Ленин, ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АЛЕКСАНДРОВ Георгий Фёдорович (4. 4. 1908, Ленинград — 21. 7. 1961, Москва), файласуфи советӣ, акад. АФ СССР (1946). Аъзои КПСС аз с. 1928. Ин-ти таъриҳ ва фалсафаи Москваро (1932) хатм кардааст. С-ҳои 1940—47 сардори Управлениями пропаганда ва агитацияи КМ ВКП (б), 1947—54 директори Ин-ти фалсафаи АФ СССР, 1954—55 вазири маданияти СССР буд. С-ҳои 1955—61 дар Ин-ти фалсафаи АФ РССБ кор кард. А. барои иштирок дар навиштани «Таъриҳи фалсафа» (1943) ва барои китоби «Таъриҳи фалсафаи Европаи Ғарбӣ» (1946), ки аз рӯи он мубоҳисаи умуминиттифоқии файласуфҳо (ниг. журнали «Вопросы философии», 1947, № 1) гузаронда шуд, лауреати Мукофоти давлатии СССР гардид. А. бо 2 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Философские предшественники марксизма. М., 1939; Аристотель. М., 1940; Формирование философских взглядов Маркса и Энгельса. М., 1940; История социологии как наука. Минск, 1958; История социологических учений. Древний Восток. М., 1959.

АЛЕКСАНДРОВ (таҳалл., фам. аслиаш Мормоненко) Григорий Васильевич (тав. 10. 1. 1903, Екатеринбург, ҳозира Свердловск), кинорежиссёри советӣ, Арт. Халқии СССР (1948). Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1975). Аъзои КПСС аз с. 1954. Аз с. 1921 актёри якумин театри коргарии Пролеткульт дар Москва. А. дар фильмҳои *С. М. Эйзенштейн*

«Киштии зиреҳпӯши «Потёмкин» (1925, ҳамчун актёр ва режиссёр), «Октябрь» (1927), «Кӯҳна ва нав» (1929, ҳамчун муаллифи сценария), ки ба мавзӯи революция ва озоди бахшида шудаанд, иштирок кардааст. Режиссёри фильмҳои «Бачаҳои хушҳол» (1934, дар маркази фильм образи чӯпонбачае тасвир шудааст, ки то ба дарачаи навозандаи бомаҳорат расидааст), «Цирк» (1936, дар хусуси ҳаёти актрисаи америкӣ — Марион Диксон, ки ватани ҳақиқии худро дар мамлакати советӣ ёфтааст), «Волга-Волга» (1938), «Роҳи равшан» (1940), «Баҳор» (1947, ҳар се фильми мазҳакавӣ), «Вохӯрӣ дар Эльба» (1949, Мукофоти давлатии СССР с. 1950, ба забони точикӣ дубляж шудааст, муборизаи дар роҳи сулҳ, дӯстии халқҳо, фош кардани оташдиҳандагони ҷанг мавзӯъҳои асосии фильм аст), «Бастакор Глинка» (1952, ба забони точикӣ дубляж шудааст), «Армуғони русӣ» (1960) ва г. Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1941, 1950) мебошад.

АЛЕКСАНДРОВ Иван Гаврилович (1. 9. 1875, Москва — 2. 5. 1936, ҳамон ҷо), гидротехник ва энергетики советӣ, акад. АФ СССР (1932).

Дар тартиб додани плани ГОЭЛРО иштирок кардааст. Аз с. 1921 аъзои Президиуми Госплан. Муаллифи лоиҳаи ГЭС-и Днепр (1927—32) ва дигар иншооти муҳими гидротехникӣ. Дар ҳалли масъалаҳои энергияи электр, нақлиёти обӣ, обьёрӣ ва г. иштирок кардааст. Раиси комитети ташкилии Ун-ти давлатии Туркистон (1920). Муаллифи нақшаи генералии электрификацияи Осиёи Миёна, аз ҷумла комплекси энергетикии Чирчиқ. Дар коркарди плани сохтмони магистрали Байкалу Амур иштирок дошт. Бо орденҳои Ленин ва Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

АЛЕКСАНДРОВ Павел Сергеевич (тав. 7. 5. 1896, Богородск, ҳозира Ногинск, вил. Москва), математики советӣ, акад. АФ СССР (1953), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). Президенти фахрии ҷамъияти ма-

тематикҳои Москва (аз с. 1964; с-ҳои 1932—64 президенти он), ноибпрезиденти ҷамъияти байналхалқии математикҳо (1958); аъзои бисьёр академияҳои хориҷӣ ва ҷамъиятҳои илмӣ. Асосгузори мактаби топологияи советист, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Тадқиқоти А. ба назарияи маҷмӯъҳо, назарияи функцияҳо ва топология оид аст. Якҷоя бо П. С. Урысон назарияи фазоҳои компактӣ ва бикомпактиро ба вуҷуд овард ва инкишоф дод. Якчанд мафҳумҳои умдаро ҷорӣ кард. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1943). Бо 5 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

АЛЕКСЕЕВ Пётр Алексеевич (26. 1. 1849, губ. Смоленск — 28. 8. 1891), якумин коргари революционери рус. Дар фабрикаҳои бофандагии Москва ва Петербург кор кардааст. Дар аввалҳои с-ҳои 70-ум ба идеяҳои халқчиёни революционер ҳамроҳ шуд. Аз охири с. 1874 дар Москва аъзои фаъоли «Ташкилоти умумироссиягии социал-революционӣ» буд. 4 апр. 1875 ҳабс шуд. 9 марти 1877 дар суд гуфт, ки «...дасти пурзӯри миллионҳо мардуми коргар бардошта мешавад ва юғи истибдод, ки онро сарнайзаҳои солдатӣ нигаҳдорӣ мекунанд, пора-пора шуда, ба хок яксон мегардад!» В. И. Ленин суханони охирини А.-ро «пешгӯии бузурги коргари революционери рус...» номидааст (Асарҳо, ҷ. 4, саҳ. 381—382). Ӯро ба муддати 10 сол ба ҳабс ҳукм карданд. 28. 8. 1891 дар Екутиستон аз дасти роҳзанҳо кушта шуд. Ҳоло дар зодгоҳаш ба хотираи ӯ ҳайкал гузоштаанд.

АЛЕКСЕЙ МИХАЙЛОВИЧ (19. 3. 1629—29. 1. 1676), подшоҳи рус аз с. 1645, писари Михаил Фёдорович Романов, намояндаи дуюми сулолаи *Романовҳо*, падари *Пётри I*. Ҳукумати А. М. барои мустаҳкам намудани сохти мутлақияти феодалӣ тадбирҳо андешид. С. 1649 бо қонуни давлатӣ ҳуқуқи крепостной расмӣ гардид. Дар аҳди салтанати А. М. афзоиши зулми феодалӣ ва молиявӣ муборизаи синфиро шиддат дод (шӯришҳои Москва с-ҳои 1648—62, Псков ва Новгород 1650 ва г.). А. М. ҷанги деҳқонони с-ҳои 1670—71-ро зери роҳбарии *Разин* С. Т. бераҳмона пахш кард. Ислоҳоти калисои Никон (1653—56) боиси муборизаи иҷтимоию сиёсӣ, низоъҳои динӣ ва ба ҷараёнҳо ҷудо шудани калисо гардид. Дар замони А. М. дар натиҷаи ҷанги Россияю Польша (1654—67) Украина расман ба Россия ҳамроҳ гардид.

АЛЕӮТ (Aleutian Islands), галаҷазира дар шим. уқ. Ором, ҷан. ғарбтари нимҷаз. Аляска. Аз 110 ҷаз. ва харсангҳои сершумор иборат буда, ба масофаи 1740 км камоншакл тӯл кашидааст. Тобеи штати Аляска (ШМА). Масоҳ. 37,8 ҳаз. км². Аҳол. бештар аз 8,1 ҳаз. наф. (1970); аҳолии маҳаллӣ *алеутҳо*. А. тегаи қ-кӯҳҳои зериоби буда, аз с. б. то 2860 м (вулқ. Шишалдина дар ҷаз. Унимак) қад кашидааст. Бисьёрии ҷаз-ҳо конусҳои вулқонианд. 25 вулқони амалкунанда дорад. Тез-тез зилзила рӯй медиҳад. Иқлимаш субарктикии уқьёнусӣ, зимистонаш нарми сернам, шамолҳои сахт меваза д, барф бисьёр меборад. Ҳарор. миёнаи моҳи хунук (февр.) — 1,4° С. Тобистонаш салқини сертуман. Ҳарор. миёнаи моҳи гарм (авг.) 11, 9° С. Боришоти солона 1500 мм. Дар ҷаз-ҳо асосан алаф ва буттаҳои гуногун меруянд. Аҳолӣ бо моҳидорӣ, сайди ҳайвонҳои баҳрӣ машғуланд. Маҳалли асосии аҳолинишин ва базаи калони ҳарбии баҳрӣ — Датч-Харбор (дар ҷаз. Уналашка). А.-ро дар миёнаҳои а. 18 баҳрнавардони рус кашф кардаанд. То с. 1867 ба Россия тааллуқ дошт, баъд якҷоя бо Аляска ба ШМА фурӯхта шуд.

АЛЕӮТҲО (худро унанган ғӯянд), аҳолии асосии ҷаз-ҳои Алеут (ШМА), тақр. 5 ҳаз. (1961). Як қисмашон (қариб 400 кас, 1970) аз аввали а. 19 дар ҷаз-ҳои Командор (СССР) зиндагӣ мекунанд. А. ба забони алеутӣ гап мезананд. Мувофиқи ақидаи тадқиқотчиён, тақр. 4 ҳаз. сол муқаддам аз қабилаи эскимосҳои Аляска ҷудо шуда ба ҷаз-ҳои Алеут омадаанд. То кашфи ҷаз-ҳои Алеут (а. 18, русҳо) чӯб, санг, устухонро ҳамчун асбобу аслиҳа истифода мебурданд. Ба шикори наҳанг ва диг. ҳайвоноти баҳрӣ, моҳидорӣ ва ҷамъ намудани ҳар гуна растаниҳои хӯрданӣ машғул буданд. Дар ибтидои а. 19 бисьёр хусусиятҳои маданияти рус ва дини насрониро қабул намуданд. Дар ҷаз-ҳои Командор с. 1932 р-ни Алеут ташкил шуд. Аксари А. дар с-зҳо бо ҳайвонпарварӣ машғуланд. Дар ШМА хоҷагӣ ва маданияти ба худ хоси А. хеле таназзул ёфт. Қисми зиёди онҳо мардикорӣ мекунанд. А.-и сокини СССР соҳиби тамоми ҳуқуқу имтиёзҳо буда, дар оилаи дӯсти халқҳои Иттифоқи Советӣ зиндагӣ мекунанд.

АЛЕХИН Александр Александрович (1. 11. 1892, Москва — 24. 3. 1946, наздикии Лиссабон, қабраш дар Париж), шоҳмотбози рус. С. 1921 ба Франция ҳиҷрат кард, гроссмейстер, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Аз с. 1927 (баъди ғалаба бар Х. Р. Капабланка) то с. 1935 ва аз с. 1937 (баъди ғалаба бар М. Эйве) то с. 1946 А. чемпиони ҷаҳон буд. А. намояндаи мактаби шоҳмотбозони рус А. Д. Петров ва М. И. Чигорин мебошад. А. шоҳмотбози мумтоз ва рекордсмени ҷаҳон оид ба бозии «ёдакӣ» буд. Эҷодиёти А.-ро нафақат дар СССР, балки дар тамоми дунёе меомӯзанд.

АЛИАКБАР علی اکبر (с. тав. ва ваф. номаълум), сайёҳи охири а. 15 ва нимаи аввали а. 16-и Осиёи Миёна. С. 1506 ба саёҳати Хитой рафта, дар Пекин зиёда аз 3 моҳ истиқомат кард ва бо ин сабаб лақаби «Хитой»-ро гирифт. Аз Хитой ба Осиёи Хурд омада, дар Қустантания муқим шуд. С. 1516 бо номи «Таъриҳи Хитой ва Хутан» сафарномае навишт, ки аз бист боб иборат аст. Ин асар очерки таъриҳию географӣ буда, ба забони тоҷикӣ навишта шудааст. Муаллиф доир ба қалъаҳо, истеҳкомҳо, хоҷагӣ ва тиҷорат, тарзи давлатдорӣ, ибодатхонаҳо, муассисаҳои илмӣ, зиндагии мардум, идҳои халқӣ, ҳунарҳои гуногун, санъату ёдгориҳои маданӣ ва ғ. маълумоти муфассал додааст. «Таъриҳи Хитой ва Хутан» дар Туркия бо номи «Қонунномаи Чин ва Хутан ё Хитойнома» машҳур аст.

Ад.: Крачковский И. Ю., Избр. соч., М.-Л., т. 4, 1957. *Ю. С. Мальцев.*

АЛИБЕГИИ ТАНБУРӢ علی بیگی تنبوری (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳофиз, навозанда ва бастакори тоҷики а-ҳои 10—11. Дар Бухоро ба дунёе омада, умр ба сар бурдааст. Дар навохтани танбӯр (танбӯри мовароуннаҳрӣ) беназир буда, овози баҳоят форам ва истеъдоди фитрӣ дошт. Чандин тарона ва оҳанг дорад, ки барои танбӯр тасниф шудаанд.

АЛИБЕГӢ, деҳа дар С. қ. Хонақоҳи Кӯҳӣ, р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Дружба». Аз А. то маркази С. қ. 3 км, то район 10 км; роҳ мошингард. Аҳол. 313 наф. (1976), тоҷикон. А. дорои мактаби миёна, амбулатория, лагери пионерӣ мебошад. Соҳаи хоҷагӣ — зироатчигӣ. Сокинони деҳа аз д. Хонақоҳ истифода мебаранд.

АЛИБИ (лот. Alibi — дар ҷои диг. будан), дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳолатест, ки бегуноҳии айбдоршаванда (гумонбар) дар асоси ин, ки ҳангоми содир шудани ҷиноят дар ҷои диг. буд ва ба сабаби дурии роҳ ба маҳалли ҷиноят омада натавонист, исбот мегардад. Шахси айбдоршаванда бояд дар асоси А. бегуноҳии худро (ба воситаи шоҳидон, ҳуҷҷатҳо ва далелҳои диг.) исбот кунад.

АЛИГАЛАБОН, деҳа дар С. қ. Ҳакимии р-ни Комсомолободи РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Чорсада», дар сари роҳи автомобильгарди Душанбе — Комсомолобод. Аз А. то маркази С. қ. 11 км,

то район 22 км. Аҳол. 378 наф. (1976), тоҷикон. Дорои мактаби миёна, чойхона, магазин мебошад. Сокинонаш бо чорводорӣ, кирмакдорӣ, тамокупарварӣ, боғдорӣ машғуланд.

АЛИДУСТИ НОЙ علی دوست نائی (с. тав. ва ваф. номаълум), бастакор, машшоқ ва мусиқишиноси тоҷики а-ҳои 15—16. Дар Ҳисор ба дунёё омада, умр ба сар бурдааст. Санъат ва илми мусиқиро аз Ҳусайнхони Хоразмӣ (а. 15) ва *Абдулоҳи Ной* омӯхта, муддате дар дарбори ҳокими Тирмиз ҳамроҳи Хоҷа Ҷаъфари Қонунии Самарқандӣ ва Амирмастин Кобузӣ (а-ҳои 15—16) хизмат намудааст. Дар асоси мақомҳои «Ироқ», «Ҳусайнӣ», «Буслик», ва «Наво» асарҳои зиёди мусиқӣ эҷод кардааст.

АЛИЕВ Аббос (1899, Бухоро — 16. 1. 1958. Алмаато), арбоби давлатӣ ва партиявии РСС Тоҷ. ва РСС Ӯзб., доктори илми таърих, профессор (1940), педагог. Аъзои КПСС аз с. 1917. Мактаби олии партиявӣ ва сиёсии «Красная профессура»-и назди КМ ВКП(б)-ро хатм кардааст. Фаъолияти революционии ӯ дар Бухоро, Когон ва Чорҷӯй сар шуд. С-ҳои 1918—20 сардори Комитети махфии партиявии Чорҷӯй. Яке аз ташкилотчиёни РХС Бухоро. Дар нахустин идорахои партияви ва муассисахои давлатӣ хидмат кардааст. Як мудлат муҳаррири газетаи «Қутулуш» (баъдтар «Бухоро ахбори», «Озод Бухоро», «Бухоро пролетари», «Бухоро ҳақиқати»). Яке аз муассисонӣ маорифи халқ ва якумин нозири маорифи халқи Тоҷикистон (1924—27). Дар муборизаи зидди босмачиён, маъракаи маҳви бесаводӣ ва инқилоби маданӣ иштирок намуд. Фаъолияти илмӣ ва педагогии ӯ аз 1933 дар Ин-ти давлатии Осиёи Миёна (УДОМ) сар шуд. С-ҳои 1940—58 дар ин-тҳои педагогии ш-ҳои Фрунзе, Днепропетровск, Ин-ти давлатии Қазоқистон мудири кафедраи таърихи умумӣ, таърихи халқҳои СССР буд. С-ҳои 1940—45 дар Ин-ти давлатии педагогии Душанбе мудири кафедраи таърихи Шарқи Қадим ва халқҳои СССР, декани фак-ти таърих буд ва ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ дарс мегуфт. Аз нахустин тарҷумон ва муҳаррирони осори классикони марксизм-ленинизм буд. Муаллифи як қатор асарҳои илмӣ оид ба таърихи тоҷикон ва диг. халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла рисолаи «Октябри вулам ва ба роҳи революция даромадани халқҳои Бухоро» (1958) мебошад. Бо ордени Ситораи Тиллои Комиҷроёии Марказии Республикаи Халқии Советии Бухоро (1922) мукофотонида шудааст.

Ас.: Великий Октябрь и революционизирование народов Бухары. Ташкент, 1958. *И. Келдиев, С. Солеҳов.*

АЛИЕВ Гадойбой (тав. 1901, қиш. Қарақчиқуми Конибодом), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Аз с. 1931 колхозчии к-зи «Коммунизм»-и р-ни Конибодом. С-ҳои 1940—47 сардори звенои пахтакорӣ. С. 1947 звенои А. ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Аз с. 1966 нафақахӯри шахсӣ мебошад. Бо ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АЛИЕВ Ғулом Алиевич (тав. 20. 12. 1915, ш. Самарқанд), зоотехник-селекционер, акад. АФ РСС Тоҷ. (1953; аъзои корр. 1951), акад. ВАСХНИЛ (1972), доктори илмҳои х. қ. (1965), проф. (1973), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1975), ректори Ин-ти х. қ.-и РСС Тоҷ. (аз с. 1973). Аъзои КПСС аз с. 1940. Баъди хатми Ин-ти х. қ.-и ш. Самарқанд (1934) зоотехники с-зи гӯсфанди қарокӯлипарвари Ғузор (1934—35), ассистенти кафедраи афзоиш ва генетикаи чорвои Ин-ти нонбурда (1935—37), аспирант (1937—40), директори Станцияи таҷрибавии комплексии чорводории Тоҷикистон (1940—42), ходими масъули аппарати КМ ПК Тоҷ. ва ВХҚ РСС Тоҷ. (1942—45), директори филиали Тоҷикистонии Ин-ти тадқиқоти илмии чорводории АФ СССР (1945—50), ректори Ин-ти х. қ.-и Тоҷикистон (1950—53), нонб-президенти АФ РСС Тоҷ. (1953—58), ҷонишини вазир ва вазири х. қ.-и Тоҷикистон (1958—62), котиби КМ ПК Тоҷ. (1962—73) шуда кор кардааст. Аз с. 1945 кори илмӣ бурда, зоти нави гӯсфанди серпашму серравғану сергӯшт — «Гӯсфанди тоҷикӣ»-ро ба вуҷуд овард (1963). Доир ба тараққиёти чорводории республика, селекцияи гӯсфанд ва базаи хӯроки чорво зиёда аз 60 асари илмӣ навиштааст. Вакили съездҳои 14—18 ПК Тоҷ., аъзои бюрои КМ ПК Тоҷ. (1962—73), депутати Советии Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 4—9). Бо 4 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

Ас.: Таджикская мясо-сально-шерстная порода овец. Д., 1967.

АЛИЕВ Ҳайдар Алиризо ӯғлӣ (тав. 10. 5. 1923, Нахҷувон), ходими партиявию давлатӣ. Аъзои КПСС аз с. 1945. Аз оилаи коргар. С. 1939 Омӯзишгоҳи педагогии Нахҷувон, с. 1957 фак-ти таърихи Ин-ти давлатии Озарбойҷонро хатм намуд. С-ҳои 1941—49 дар органҳои бехатарии давлат ва Советии Вазирони РАСС Нахҷувон кор кард. С-ҳои 1950—64 дар вазифаҳои роҳбарикунандаи ВБД, ВКД ва КБД назди Советии Вазирони РСС Озарб. буд. С-ҳои 1964—67 ҷонишини раис ва аз с. 1967 раиси КБД назди Советии Вазирони РСС Озарб., рутбаи ҳарбиаш генерал-майор. Аз июли 1969 котиби якуми КМ ПК Озарб. Аъзои КМ КПСС аз с. 1971. Аз марти 1976 номзади аъзои Бюрои Сиёсии КМ КПСС. Депутати Советии Олии СССР (даъватҳои 8—9). Ҷонишини раиси Советии Иттифоқи Советии Олии СССР. Бо 2 ордени Ленин, ордени Ситораи Сурх ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АЛИЕВА Фотима Галиевна (1903, губ. Вятск — 1973), яке аз иштирокчиёни сохтмони социализм дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1926. Аз кӯдакӣ ятим монда, ба бойҳо хизмат кардааст. Шоҳиди шӯриши мусаллаҳонаи Октябрь дар Петроград. Баъди Рев. Октябрь ба сафи ҷанговарони сурх дохил шуда, ҳангоми аз чеҳҳои сафед озод кардани Қазон, муҳорибаҳои зидди казакҳои сафед дар назди Оренбург ва ҷангҳои муқобили босмачиён дар Осиёи Миёна ҷонбозӣ кард. Дар Рев. Бухоро бевосита иштирок намуд. С. 1932 мувофиқи супориши Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) ба Тоҷикистон омада, то с. 1953 дар органҳои партиявию советии республика кор кардааст. Бо ордени Ситораи Сурх, медаль ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АЛИЗАРИН, 1, 2 — диоксиантрахинон, $C_{14}H_8O_4$, моддаи рангубор, кристалли норанҷи сурхтоб, t гуд. 289° С. Дар об бад, дар спирти этил мӯътадил ва дар бензол, кислотаи ацетат ва ишқор нагз ҳал мешавад. А. дар решаи *рӯян* дар ҳолати гликозид вуҷуд дорад. Бори аввал с. 1869 К. Гребе ва К. Т. Либермаи синтез кардаанд. А. бо намакҳои баъзе металлҳои бисьёрвалента пайвастҳои комплексии ранга (мас., бо намакҳои алюминий ранги сурх, бо намакҳои оҳан ранги бунафш ва г.) ҳосил мекунад. Ҳоло А.-ро дар олкории матоъ истифода набаранд ҳам, ҳангоми синтези диг. рангуборҳо чун ашьёи истифода мешавад. Дар химияи

таҳлилӣ барои ошкор кардани ионҳои бисьёр металлҳо чун реагент низ ба кор меравад. Ғайр аз ин рангҳоеро, ки дар матбуот ва якчанд соҳаҳои диг. истифода мешаванд, аз локи А. тайёр мекунанд.

Дар Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. бо истифодаи пайвастҳои А. усули олкории нах ва плёнкаи поливинилӣ муайян шудааст, ки ранги ашьёро ба таъсироти беруна устувор мекунад. *И. Ё. Калонтаров.*

АЛИЗОДА Саидризо (1887, Самарқанд — 1938), публицист ва мутарҷими советии тоҷик. Аз оилаи косиби шоҳибоф. Баъди хатми *мактаби усули ҷадид* дар худи ҳамон мактаб муаллимӣ кардааст. А. пеш аз революция шабона дар матбааҳои Самарқанд ҳуруфчинӣ карда, дар он ҷо бо таълимоти марксистӣ-ленинӣ шиносо шудааст. Дар корпартоиҳои коргарони Самарқанд (1905—07) фаъолона иштирок намуда, материалҳои рӯзномаи «Искра» ва моҳнаи таълимоти Маркс, Энгельс ва Ленинро ба коргарон мефаҳмонд. Муҳаррири нахустин нашрияи советии тоҷик *«Шӯъалаи инқилоб»* (1919—21) буда, як қисми муҳимми материали рӯзномаро онро худаш менавишт. Дар матбуоти даврӣ бо имзоҳои мустаорӣ «Нештар», «Чарандгӯй», «Мулло Ҷунбул», «Занбӯр», «Муртад» ва ғ. ҳикояву мақолаҳои ҳаҷвӣ ба табъ расондааст. Барои муаллимон ва талабагони мактабҳои тоҷикӣ программа, китоби дарсӣ ва дастурҳо низ тарҷума ва таҳия мекард. Аввалин алифбои тоҷикии давраи советӣ — «Китоби нахустин» (1920) ва «Сарфу нахви тоҷикӣ» (1926) ба қалами А. тааллуқ доранд. Ӯ аз аввалин тарҷумонҳои осори бадеӣ буда, асарҳои зиёдеро ба тоҷикӣ («Дубровскийӣ», 1935; «Духтари капитан», 1936; «Моткан Қарамашоқ», 1937; «Ҳикояҳои Белкин», 1938 — таълифоти А. С. Пушкин, «Цемент»-и Ф. Гладков, 1936; «Пӯлод чӣ тавр обу тоб ёфтааст»-и Н. Островский, «Каждум аз мекроб»-и А. Қодирӣ, 1938 ва ғ.) тарҷума кардааст. *С. Атобуллоев.*

АЛИИ КАРМОЛ علیء کرمال (с. тав. ва ваф. номаълум), бастакор, ҳофиз ва машшоқи форс-тоҷики а. 15. Дар Марв таваллуд ёфта, дар Ҳирот вафот кардааст. Бо косиби машғул буд. Дар Ҳирот ва Бухоро зиндагӣ кардааст. Таснифоти зиёде дар мақомҳои «Исфаҳон», «Ҳиҷоз», «Бусник», «Дугоҳ» ва ғ. дорад. Тароначо ба вазни «Туркзарб» дар мақоми «Исфаҳон» аз таснифоти машҳури ӯст.

АЛИИ КӮЧАКИ ТАНБӮРӢ علیء کوچک تنبوری (с. тав. ва ваф. номаълум), машшоқ, бастакор ва ҳофизи тоҷики а-ҳои 15—16. Дар Самарқанд таваллуд ёфта, дар ҳамон ҷо то охири умр зистааст. Дар навохтани танбӯр, уд, чанг ва ғ. маҳорати том доштааст. Чандин асари мусиқӣ аз қабили «Савт», «Амал», «Кор», «Пешрав», «Тарона», «Нақш» ба мақомҳои «Ҳиҷоз», «Дугоҳ» ва «Исфаҳон» бар вазни «Зарб-ул-фатҳ» эҷод кардааст.

АЛИИ НАСАФӢ علیء نسفی (с. тав. ва ваф. номаълум), меъмори форс-тоҷики а. 14. Дар Насаф ба камол расидааст. Аз осори меъмории ӯ хеле кам боқӣ мондааст. Муаллифи тарҳи яке аз мақбараҳои ансамбли Шоҳи Зиндаи Самарқанд буда, сохтмони он бо иштироки худи меъмор дар давоми с-ҳои 70—80-уми а. 14 сурат гирифтааст.

АЛИИ НАҲҲӮР علیء نجار Абулҳасан, (с. тав. ва ваф. номаълум), яке аз устодони забардасти санъати наҳҳории (дуредгарии) а. 12. Зодгоҳаш деҳаи Малҳами Озарбойҷон аст. Падари шоир Хоҷопист. Ороиш ва нақшу нигори бисьёре аз сақфу пештоқи хонаву айвонҳо, сутунҳо, дару дарвозаи мадрасаву масҷидҳои диёраш амали ӯст. Хоҷонӣ дар як қасида ва маснавии «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» санъат, ҳунар ва маҳорати наҳҳории падарашро васф кардааст:

Сонеи зарринамал, пири саноат Алӣ,
К-аз Яди Байзо гузашт дасти амалрони ӯ...
Шайхи муҳандислақаб, пири дуредгар Алӣ,
К-Озару Уқлидусанд очизи бурҳони ӯ.

А. Нуров.

АЛИИ ШАТРАНҲӢ علیء شطرنجی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 12 форс-тоҷик. Авфӣ дар тазкираи худ ӯро Ҷамолулҳукамо Деҳқон Алии Шатранҷии Самарқандӣ ном бурдааст. Зиндагии А. Ш. ба сахтӣ гузаштааст. Аз намунаҳои ашъори А. Ш. равшан мегардад, ки бештар қитъа навиштааст. Мавзӯи қитаоти шоир панду насиҳат ва ҳикмати амалӣ, танқид, ҳаҷв ва шикоят аз сохти иҷтимоист. Муаллифи қасидаи «Лаклак» мебошад, ки дар он лаклак мурги бошарофат ва муждарасони соли нав тасвир ёфтааст. Мавзӯи қасидаҳояш аз зиндагӣ ва эътиқоди мардуми мо буда, лавҳаҳои воқеии ҳаёти халқро ба тасвир гирифтааст.

Ад.: Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960. *С. Саъдиев.*

АЛИИ ШИҲОБИ ТУРШЕЗӢ علیء شهاب ترشیزی (1789, қасабаи Туршеза — 1838, Хуросон), шоири эронӣ. Дар зиндагиаш саёҳати зиёде карда, ба оворагӣ ва маҳрумияти бисьёре дучор гардидааст. А. Ш. Т. дар наққошӣ, хаттотӣ, қаламдонсозӣ ва тазҳиб (зарҳалкорӣ) мумтоз буд. Аз худ мероси адабию илмии бузурге боқӣ гузоштааст. «Баҳромнома», «Хисраву Ширин», «Юсуфу Зулайҳо», «Мулҳиднома», «Қиссаи Ҳоҷӣ Раҳим», «Дуррат-ут-тоҷ» ва як девони ғазалиёт ба қалами ӯ мансубанд. *З. Аҳрорӣ.*

АЛИИ ШУНҚӮР علیء شنقار, (с. тав. ва ваф. номаълум), мусиқишинос, бастакор ва шоири а. 15. Дар Ҳирот умр ба сар бурдааст. Баъди омӯхтани санъати мусиқӣ як силсила асарҳо офарида, як қисми онҳоро ба Тӯтибегим — маликаи Ҳирот бахшидааст. Оҳангҳои ӯ ба мақомҳои «Ҳусайнӣ», «Ироқ», «Дугоҳ» бар вазнҳои «Туркзарб», «Зарб-ул-фатҳ» буда, «Савти бегимӣ», «Нақши бегимӣ» аз ҷумлаи асарҳои машҳур ба шумор мераванд. Ғазалро низ нақӯ месурудааст, девон дорад. *А. Раҷабов.*

АЛИИ ҲАМАДОНӢ علیء همدانی Мир Сайид ибни Шиҳобуддин Муҳаммади Ҳамадонии маъруф ба Сӯфӣ, Мири Кабир, шоҳи Ҳамадон, мулаққаб ба Алии Соний ва Сиёҳпӯш (1314, Ҳамадон—1384, Кабравсавод), донишманд ва адиби мутасаввифи форс-тоҷик. Баъди таҳсили илм дар зарфи 21 сол аксар шаҳрҳои исломиро сайр кардааст. То с. 1379 ба таълифи асарҳои илмию адабӣ ва тарбияи шогирдон машғул шуда, сипас азми Ҳиндустон намуд. Дар он ҷо 5 сол истиқомат карда, ҳангоми сафари Мовароуннаҳр дар маҳалли Кабравсавод (Покистон) вафот кард; қабраш дар ш. Кӯлоб аст. Мероси илмӣ ва адабии А. Ҳ. фаровон буда, зиёда аз 70 асарро ба ӯ нисбат медиҳанд. Аксар таълифоти ӯ дар тасаввуф, фалсафа ва ахлоқ аст. Ба ин гурӯҳ «Машориб-ул-азвоқ» («Шарбати завқҳо»), «Миръот-ут-тонбин» («Оинаи тавбагарон»), «Одоб-ул-машоих» («Одоби шайхон»), «Акраб-ут-тариқ» («Наздиктарин роҳ»), «Захират-ул-мулук» («Захираи шоҳон»), «Макорим-ул-ахлоқ» («Ахлоқи писандида»), «Ҳалли мушкил», «Рисолаи нафсия», «Рисолаи вуҷудия», «Рисолаи футуввия» («Рисолаи ҷавонмардӣ»), «Истилоҳоти суфия» ва ғ. дохил мешаванд. А. Ҳ. дар жанрҳои гуногуни адабӣ — маснавӣ, ғазал, рубоиву дубайтӣ ва ғ. асар эҷод кардааст. Ғайри достони «Ҳафт водӣ», ки дар пайравии «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор навишта шудааст, аз А. Ҳ. боз як «Девони алоии Алӣ» ва маҷмӯаи «Ғазалиёти Алӣ» боқӣ мондааст. Мавзӯи асосии ашъори лирикии А. Ҳ. ишқ, васфи маъшуқа, мазаммати нафси бадҳоҳ, таҳнияти зебоиҳои ҳаёт ва ғ. мебошад.

Ад.: Богоутдинов А. М., Очерки истории таджикской философии, Сталинабад, 1961;
عبدالرحمن جامی، نفحات الانس، تهران، ۱۳۳۶ ه. ش.

М. Султонов.

АЛИИ ҲИРАВӢ, нег. *Миралии Ҳиравӣ.*

АЛИИ ҲИРОТӢ علیء هراتی (с. тав. номаълум — ваф. 1215, Ҳалаб), сайёҳ ва географи арабизабони форс-

тоҷик, аслан ҳиротист. Ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна борҳо саёҳат намуда, дар давраҳои гуногун ба Миср, Арабистон, Байнаннаҳрайн, Эрон, Ҳиндустон, Рум, Сицилия ва Фаластин рафтааст. Аксари қайдҳои сафари А. Ҳ. с. 1192, ҳангоми хусрони кишти дар соҳилҳои Сурия, назди ш. Акка нобуд шудаанд. Аз осори А. Ҳ. то замони мо ба забони арабӣ порчаҳо ва тарҷумаи «Китоб-ул-ишорат ила-л-маърифат из-зиёрат» расидаанд. Дар осори А. Ҳ. жанри ёддоштию тарҷуманҳолии «Кутуб-уз-зиёрат» ба жанри космографии адабиёти географии асримиёнагии «аҷоиб» алоқаманд гардонда шудааст. Муаррихони араб ва географҳои давраҳои баъд (Ибни Халлакон, Ёкути Ҳамавӣ ва диг.) асарҳои А. Ҳ.-ро васеъ истифода мебурданд. Аксари қайдҳои сафарии А. Ҳ. ҷанбаи ҳуччатӣ дошта, ё дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ё дар заминаи ҳикояти шоҳидон қаламдод шудаанд. Мас., с. 1175 ҳодисаи оташфишонии вулқони машҳури Этнаро (дар Сицилия) аз рӯи ривоятҳо, юриши аҳли салибро (1173—74) ба Байтулмуқаддас аз мушоҳидаи худ тасвир кардааст. А. Ҳ. аз рӯи нақли шоҳидон ҷойҳои таърихии Мағриб ва Ҳабашистонро муфассал ба тасвир овардааст.

Ад.: Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 4, М.-Л., 1957. *Ю. С. Мальцев.*

АЛИИЛОҲИЁН ё Алиоллоҳиён (ар. علي الهيان аз исми Алӣ), пайравони фирқаи мусулмонии равияи шиа, ки нахустин имоми шиа ва халифаи чаҳорум Алиро чун худо мепарастанд ва худашонро «аҳли ҳақ» меноманд. Алӣ дар назари А. кушояндаи «ваҳйи илоҳӣ» буда, ҳамаи диг. пайғамбарон (Мусо, Исо, Муҳаммад) онро ба воситаи Алӣ дарьёфтаанд. А. дар асрҳои 8—9 дар Ироқ пайдо шудааст. Дар ибодати А. таъсири масеҳият, буддоия ва мазҳабҳои гуногуни Шарқи Қадим ҷой дорад. А. монанди алавиён дар вақти ибодат ному шарофати шаръӣ меҳӯранд. А. асосан дар Ироқ, Туркия, Эрон ва Афғонистон зиндагӣ мекунанд. Дар Иттифоқи Советӣ А.-ро дар Озарбойҷон ва Арманистон дучор кардан мумкин аст. *Х. Додихудоев.*

АЛИМАРДОНОВ Файзулло (1903, қиш. Ҳоҷабойқули Орҷоникидзеобод — 1963, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Аъзои КПСС аз с. 1951. С-ҳои 1919—29 чорякқор, чӯпон, 1930—63 колхозчӣ ва сардори звенои к-зи ба номи Тельмани р-ни Орҷоникидзеобод. 1942—44 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Звенои А. с-ҳои 1946—47 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Бо ордени Ленин ва медалҳо мукофотонида шудааст.

АЛИМЕНТ (лот. Alimentum — нафақа), маблаги таъминоти моддӣ, ки яке аз аъзои оила мувофиқи қонун ба диг. аъзои ба ёрӣ мӯҳтоҷ мадиҳад. А. дар як маврид аз падару модар ба фоидаи фарзанди ноболиғ ва болиғи ғайри қобили меҳнат, дар мавриди диг. аз фарзанди болиғ ба падару модари ба ёрӣ мӯҳтоҷ, аз падару модарандар ба фоидаи фарзандар ва баръакс, аз бародару хоҳаре, ки маблаги кофӣ доранд, ба фоидаи бобою момо ва баръакс, аз тарбиятгари ҳақиқӣ ба фоидаи тарбиятгиранда ва баръакс, аз шавҳар ба фоидаи зан ва баръакс гирифта мешавад. Қонун миқдори зерини А.-ро муқаррар кардааст: барои таъминоти моддии як фарзанд — $^1/_4$, барои ду фарзанд — $^1/_3$, барои се фарзанд ва зиёда аз он $^1/_2$ ҳаммаи навъҳои даромади волидайн. Миқдори ҳармоҳаи А. ба фарзанди ғайри қобили меҳнат аз тарафи суд (вобаста ба аҳволи моддӣ ва оилавии алиментгирандаю алиментдиҳанда) муқаррар карда мешавад. Ҳангоми пурра дар таъминоти давлат ё ташкилоти ҷамъиятӣ будани алиментгиранда, суд метавонад миқдори алиментро на танҳо кам кунад, балки алиментдиҳандаро аз он озод намояд. А. аз вақти баровардани ҳукми суд муқаррар мегардад. А. барои таъминоти моддии фарзандон (то 18 солагӣ) дода мешавад. Мақсад аз А. пойдории оила, масъулиятшиносӣ дар таълиму таъмини фарзандон ва ба ҳамдигар ёрӣ расондани аъзоҳои оила мебошад (мод. 74—107 Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РСС Тоҷ.). *О. Усмонов.*

АЛИМЕНТАЦИЯ (аз алимент), дар Рими Қадим ёрии давлат ба фарзандони оилаҳои камбағал ва ятимон. А. ба писарони то синни 18 ва ба духтарони то синни 14 дода мешуд. А.-ро император Нерва (96—98) ҷорӣ кард ва он тақр. то миёнаи а. 3 вуҷуд дошт. Фонди А. аз қисми фоидаи қарзе, ки давлат ба заминдорони хурд ва миёна медод, ташкил меёфт.

АЛИРИЗОИ ТАБРЕЗӢ علي رضائي تبريزي (с. тав. ва ваф. номаълум), хаттот ва мусаввири а-ҳои 16—17. Дар Табрез назди Алибеки Табрезӣ таълими хат гирифтааст. А. Т. ҳафт намуди хатро хуб менавишт ва махсусан дар сулс, насх ва настаълиқ беҳамто буд. Муаллифи *«Гулистони ҳунар»* Қозӣ Аҳмад А. Т.-ро дар санъати хаттотӣ «Сайрафии соний» номидааст. А. Т. дар китобхонаи Шоҳ Аббос вазифаи китобдориро адо мекард. Яке аз осори хаттотии ӯ «Сабҳат-ул-аброр»-и Ҷомӣ мебошад, ки с. 1613 бо настаълиқ китобат шуда, мусаввараҳо, нақшу нигор дорад, саҳифаҳои онро худи А. Т. бастааст. Катибаҳои дилкаши ӯ ҳоло ҳам деворҳои чандин ёдгориҳои меъмории Табрез, Қазвин, Машҳад ва Исфаҳонро оро медиҳанд. А. Т. инчунин бо тахаллуси «Шоҳнавоз» шеър мегуфт ва дар санъати рассомӣ низ маҳорати хуб дошт. Минётурҳои вай назокат ва нафосати ба худ хос доранд.

«АЛ-ИСЛОҲ» الاصلاح журнали таърихӣ-адабии динӣ, ки с-ҳои 1915—18 ба забони туркии чиғатой дар Тошкент чоп мешуд. Дар як моҳ ду бор мебаромад. Аввал нашриаш Абдурраҳмон Содиқ (Сайёҳ), сонӣ Аскарҳон Паҳлавон буданд. А. дини исломро ситоиш ва идеологияи иртиҷоии онро дастгирӣ мекард. Дар арафа ва солҳои Рев. Октябрь «А.» минбари пантуркизм буд.

АЛИФ (ا) номи ҳарфи якуми алифбои арабӣ. А. ба воситаи *хати оромӣ* аз *хати финиқӣ* пайдо шудааст. Дар хати финиқӣ ин ҳарф «алеф» (𐤀) ном дошт, ки маъноаш «гов» аст. А. аслан аз хатиёти Мисри Қадим (ҳазорсолаи II—I то м.) баромадааст. Дар *Абҷад* А. адади 1-ро ифода мекунад. А. бо аломати фатҳа (забар) «а»-и кӯтоҳ (امن «амн»), касра (зер) «и»-и кӯтоҳ (اظهار «изҳор») ва замма (пеш) «у»-и кӯтоҳ (الفت «улфат»)-ро ифода мекунад. Дар миёнаи калима А. (бе ҳамза) садоноки дарози «а»-ро ифода мекунад. А. бо мадда (آ), ки натиҷаи ба ҳам омадани ду алиф аст, дар аввали калима садоноки дарози «а» (дар талаффузи тоҷикӣ «о») ва баъзан дар мобайни калима (одатан баъди ҳарфи сокин мас., قرآن «қуръон») низ садоноки дарози «а»-ро ифода мекунад. А. дар байни калима аломати ҳамзаро дар сурате мегирад, ки бар он аломати сокин афтад, мас.: تاريخ «таърих», مامورين «маъмурин».

Ад.: Истрин В. А., Возникновение и развитие письма, М., 1965. *В. Капранов.*

АЛИФБО (аз номи ду ҳарфи аввали алифбои арабӣ — алиф ва бо; الفباء; ҳамчун алфавит: — юн. alphabetos — аз альфа ва бета, дар юн. ҳозира — вита), маҷмӯи аломатҳое, ки барои ба тарзи хаттӣ ифода намудани нутқ дар ягон забон истифода мешавад ва тартиби муайяни ҷойгиршавӣ дорад. А. шакли мукаммалтарини хат буда, дар он овозҳои алоҳида акс меёбанд. Вобаста ба навъ ва вазифаи ҳарфҳо А. ду навъ мешавад: а) ҳамсадоӣ ва б) садоноку ҳамсадоӣ. Созандагон ва муратибони А.-и навъи аввал финиқиҳо ва диг. халқҳои сомии ғарбӣ буданд. Ин А. аввалин бор дар Финиқия ва Фаластин дар миёнаҳои дуҳазорсолаи эраи гузашта ба вуҷуд омада буд, ки 22 аломат дошта, овозҳои ҳамсадо ва нимҳамсадои «j» ва «w»-ро низ ифода мекард. Дар А. ҳар як ҳарф номи махсус дошт, ки таъриҳан ба ягон предмет алоқаманд буд (мас., л-ламед—«неш», ш-шин—«дандон», б-бет — «хона»). Аксарияти А.-ҳои ҳозиран ҳарфӣ ва ҳиҷоӣ аз алифбои финиқӣ ба воситаи оромӣ (чор шохаи асосии хатҳои шар-

кӣ, ки ба чор навъи таълимоти динӣ: дини яҳудӣ, дини пальмирӣ — масеҳии шарқӣ, эронӣ — маздаяснон — зардуштия ва арабӣ — ислом ниҳоят зич пайвастаанд) ва юнонӣ (А. лот., гурҷ., арм., славянӣ-кириллӣ) пайдо шудаанд. Қисми асосии хатҳои миллии муосир буньёди худро аз А.-ҳои зерин гирифтаанд: 1) лотинӣ: системаи хати тамоми халқҳои Америка ва Австралия, аксарияти халқҳои Европа ва баъзе мамлакатҳои Осиё ва Африка (мас., Туркия, Индонезия); 2) славянӣ-кириллӣ: системаи хати аксари халқҳои СССР (ба ҷуз литвониҳо, латишҳо, эстонҳо, финҳои РАСС Карелия, ки А. лот.-ро истифода мекунанд ва арманиҳою гурҷиҳо, ки А.-ҳои миллӣ доранд), булгорӣ ва сербӣ, хорватӣ, македонӣ, муғулӣ; 3) арабӣ: системаи хати тамоми мамлакатҳои арабизабон, инчунин Эрон, Афғонистон, Покистон ва музофоти Синьцзяни РХ Хитой; 4) А. ҳиҷоии ҳиндӣ, ки аз он бисьёр халқиятҳои Ҳиндустон истифода мекунанд. А. ба хат ва имло зич алоқаманд аст. Инчунин нигр.: *Хати Авесто, Хати форсии қадим, Алифбои арабӣ, Алифбои лотинӣ, Алифбои русӣ, Алифбои тоҷикӣ.*

Т. Хаскашев.

АЛИФБОИ АРАБӢ, алифбои муосири араб, ки дар асоси алифбои оромӣ пайдо шудааст; сарчашмаи алифбои оромӣ алифбои финиқист. А. а. 28 ҳарф дорад, ки 18-тои он шакли мустақили графикӣ дорад. Ҳарфҳои дигар танҳо бо нуқтаҳо фарқ мекунанд. Мас., аломати ـ ҳеҷ як овозро ифода намекунад ва дар ҳолати ба поёни он як нуқта гузоштан (ب) овози «б»; ду нуқта аз боло (ت) овози «т»; се нуқта аз боло (ث) овози байнидандонии «с»-ро ифода мекунад. Ҳарфҳои А. а. бештар ҳамсадоҳоро ифода мекунанд. Аз садонокҳо танҳо се овози дароз: алиф (ا), вов (و) ва йо (ى) графемаҳои худро доранду бас. Садонокҳои дигар ба воситаи ҳаракатҳо: фатҳа («а»-и кӯтоҳ), касра («и»-и кӯтоҳ) ва замма («у»-и кӯтоҳ) ифода мешаванд. Дар А. а. ҳарфҳо вобаста ба мавқеашон дар калима, чор шакли навишт доранд: алоҳида, дар аввал, мобайн ва охири калима, Ҳарфҳои А. а. ба ду гурӯҳ: муттасила (пайваст) ва мунфасила (ҷудо) тақсим мешаванд. Ҳарфҳои муттасила бо чор шакл ва мунфасила бо ду шакл навишта мешаванд.

Интишори А. а. ба истилои араб ва ҳудуди паҳншавии дини ислом алоқаманд аст. Дар асоси А. а. бисьёр алифбоҳо сохта шудаанд ва ҳоло бо баъзе тағйироту илова дар аксари мамлакатҳои исломӣ: Алҷазоир, Арабистони Саудӣ, Афғонистон, РМА, Ироқ, Лубнон, Либия, Марокаш, Покистон, Судон, Эрон, Яман, Индонезия (аз охири а. 19 то с. 1945), Туркия (то с. 1928) ва дар баъзе мав-

Шакли ҳарфҳо

Алоҳида	Дар охир	Дар мобайн	Дар аввал	Номи ҳарфҳо
ا	ـا	...	...	Алиф
ب	ـب	ـبـ	بـ	Бо
ت	ـت	ـتـ	تـ	То
ث	ـث	ـثـ	ثـ	Со
ج	ـج	ـجـ	جـ	Ҷим
ح	ـح	ـحـ	حـ	Ҳо
خ	ـخ	ـخـ	خـ	Хо
د	ـد	...	...	Дол
ذ	ـذ	...	...	Зол
ر	ـر	...	...	Ро
ز	ـز	...	...	Зо
س	ـس	ـسـ	سـ	Син
ش	ـش	ـشـ	شـ	Шин
ص	ـص	ـصـ	صـ	Сод
ض	ـض	ـضـ	ضـ	Зод
ط	ـط	ـطـ	طـ	То
ظ	ـظ	ـظـ	ظـ	Зо
ع	ـع	ـعـ	عـ	Айн
غ	ـغ	ـغـ	غـ	Ғайн
ف	ـف	ـفـ	فـ	Фо
ق	ـق	ـقـ	قـ	Қоф
ك	ـك	ـكـ	كـ	Коф
ل	ـل	ـلـ	لـ	Лом
م	ـم	ـمـ	مـ	Мим
ن	ـن	ـنـ	نـ	Нун
ه	ـه	ـهـ	هـ	Ҳо
و	ـو	...	...	Вов
ى	ـى	ـيـ	يـ	Йо

зеҳои Хитой (дар байни уйғурҳои Синьцзян) ва Ҳиндустон истифода мешавад. А. а.-ро то мобайни с-ҳои 20 ва аввали с-ҳои 30 тоҷикон, озариҳо, қазоҳҳо, тоторҳо, ӯзбекҳо ва баъзе дигар халқҳои Иттифоқи Советӣ истифода мекарданд. А. а. ҳоло ба 10 фоизи аҳолии дунёё хизмат мекунад. А. а. ба табиати забони арабӣ, ки решаи калима асосан аз ҳамсадо ташкил меёбад, ба консонанцизми хоси он мувофиқ аст. А. а. ҳусн ва тарзи навишти зебо дорад ва аз тарафи рост ба чап навишта мешавад.

Ад.: Истрин В. А., Возникновение и развитие письма, М., 1965; Лоукотка Ч., Развитие письма, пер. с чеш., 1950.

Т. Хаскашев.

АЛИФБОИ ЛОТИНӢ, алифбое, ки дар ибтидо барои забони лотинӣ истифода шудааст. Пайдоиши А. л.-ро ба а-ҳои 8—7 то м. нисбат медиҳанд, вале қадимтарин осори хаттии А. л. ба а-ҳои 6—4 то м. тааллуқ дорад. Вай аз алифбои юнонӣ пайдо шудааст. А. л. (аз а. 4 то м.) аз тарафи чап ба рост навишта мешавад, то ин вақт аз тарафи рост ба чап (мас., катибаи «Фибулаи пренести» — охири а. 7 ва аввали а. 6 то м.) ва ба таври бустрофедон (катибаи Форуми Рим — а. 6 то м.) навишта мешуд. Номи ҳарфҳо (be, de, ef ва г.) семитию юнонӣ набуда, ё ихтироъ ва ё иқтибос аз этрусҳо мебошад. Шакли аломатҳо дар а-ҳои 5—1 то м. муқаррар шудааст. А. л. дар ибтидо (а. 2 то м.) 20 ҳарф дошт: A B C D E F H I K L M N O P Q R S T V X; ҳарфи C барои овозҳои к, г истифода мешуд. Овози k дар он вақт ба воситаи ҳарфҳои C K Q ифода меёфт. Наздики с-ҳои 230 то м. ҳарфи нави G (< C)-ро барои овози г ихтироъ карданд ва дар як вақт мавридҳои истифодаи ҳарфҳои C (дар аксари мавридҳо), Q (дар ҳолати пеш аз у омадан), k (дар калимаҳои иқтибосии юнонӣ), ки муштарак овози k-ро ифода мекарданд, низ ба роҳ монда шуд. Ҳарфҳои V ва Z, ки фақат дар калимаҳои юнониасл истифода мешуданд, ба А. л. дар а. 1 то м. дохил шуданд ва миқдори аломатҳои алифборо ба 23 расонданд. Истифодаи муштараки ҳарфҳои J (бо I), U (бо V) ва W (ки аз англисии қадим ба ин алифбо омадааст) фақат ба давраи Эҳьё нисбат дорад. Ҷудо навиштани калимаҳо дар а. 15 ба роҳ монда шуд. А. л. шаклҳои гуногуни навишт (графикӣ) дорад. Дар давраи римии А. л. 4 тарзи навишт (графикӣ) дошт: катибавӣ, унсиалии маҷускулӣ ва нимунсиалии ба минускул наздик, тезнавису курсивҳои маҷускулӣ. Дар а. 8 хати лотинӣ як тарзи навишт — минускули каролингӣ дошт. Дар давраи феодализм тарзҳои гуногуни навишти маҳаллӣ: меровингӣ (дар Галлия ва қисмаи Германия), лангбардӣ (дар Италия), вестготӣ (дар Испания), англосаксонӣ, ирландӣ мавҷуд буданд. Тарзи готии навишти А. л. дар а-ҳои 12—13 дар Германия ва Франция пайдо шуда, дар тамоми Европаи Ғарбӣ (ба истисноии Ирландия) то пайдо шудани тарзи нави навишти ба минускули каролингию унсиали китобии римӣ наздик маъмул буд. Дар Германия дар давраи Эҳьё (а-ҳои 14—15) низ навишти готӣ маъмул буд. Ҳоло А. л.-ро бештар аз 500 халқҳои Европа, Осиё, Африка, Америка истифода мекунанд. Дар СССР буньёди алифбоҳои латишӣ, литвонӣ ва эстонӣ аз А. л. аст. С-ҳои 1930—40 алифбои расмии тоҷикон низ лотинӣ буд. А. л. ба воситаи истифодаи аломатҳои диакритӣ, лигатураю диаграфҳо ба фонетикаи забонҳои гуногун мувофиқ гардонда шудааст. А. л. дар транскрипция ва транслитерацияҳои байналхалқӣ низ истифода мешавад.

Ад.: Истрин В. А., Возникновение и развитие письма, М., 1965; Тронский И. М., Историческая грамматика латинского языка, М., 1960.

Т. Хаскашев.

АЛИФБОИ РУСӢ (кириллӣ), алифбои забони русӣ, ки аз 33 ҳарф: 10 садонок, 20 ҳамсадо, нимсадои «й» ва аз ду аломат — сакта («ъ») ва нарм («ь») иборат аст. А. р.-ро Кирилл ва Мефодий дар асоси шоҳаи тағйирёфтаи (византии) *алифбои лотинӣ* дар а. 9 тартиб додаанд. Ба А. р. аз замони ҷудо шуданаш аз алифбои калисоӣ (с-ҳои 1708—10 ба

туфайли ислоҳоти Пётри I) то декрети Комиссариати маорифи халқ (23.12.1917), ки бо декрети Совети Комиссарони Халқ аз 10 окт. с. 1918 тасдиқ шуда буд, танҳо ду ҳарф: «й» ва «ё» илова шудааст. Баъзе ҳарфҳое, ки барои ифодаи калимаҳои иқтибосии юнонӣ истифода мешуданд ва баъзе овозҳои аз истеъмол баромада («от» — ω ва «пси» ψ) дар ислоҳоти Пётр бекор шуд. Ҳарфҳои «і», «ъ», «ѳ» ва аломати сакта (дар охири баъзе калимаҳо) то ислоҳоти нав (давраи советӣ) дар истеъмол буданд. Ҳарфҳои «кси» (ξ) ва «ижица» ѵ аз А. р. ба таври ғайри расмӣ мансух шуданд. Ҳоло А. р. ба 10 фоизи аҳолии дунёё хизмат мекунад. Баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь аксари миллатҳои Иттифоқи Советӣ (ғайр аз арманиҳо, гурҷиҳо, латишҳо, литвониҳо, эстонҳо ва финҳои РАСС Карелия) алифбои худро дар асоси А. р. тартиб доданд. А. р. дар хорича асоси алифбоҳои булғорӣ, сербӣ, хорватӣ, македонӣ ва муғулиро ташкил медиҳад. *Т. Ҳаскашев.*

АЛИФБОИ ТОҶИКӢ, алифбои консонантию вокалӣ, ки дар асоси алифбои русӣ тартиб ёфта, аз с. 1940 ба расмият даромадааст. Тоҷикон ва халқиятҳои диг. эронӣ дар давраҳои мухталифи таърихӣ аз алифбо ва хатҳои гуногун (мехӣ, оромӣ, авестӣ, паҳлавию форсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ, арабӣ ва ғ.) истифода кардаанд. Аз давраи истилои араб (а. 7) то с. 1930 алифбои консонантию ҳиҷоии арабӣ дар истифодаи тоҷикон буд. Ин алифбо 28 ҳарф дошт. Баъдтар барои ифодаи овозҳои хоси форсӣ тоҷикии п, ч, ж, г, чор ҳарф: پ, چ, ژ, گ, бар он афзуданд. Аз с. 1930 то с. 1940 тоҷикон аз *алифбои лотинӣ* истифода мекарданд. Ба ин алифбо низ барои ифодаи овозҳои ж, й, ӯ, ҷ ҳарфҳои ƶ, ĭ, ŭ, ç ва барои ифодаи овози пасизабонии халқии чуқур — айн (ʕ) ва ҳамза (ʔ) аломати апостроф (') илова шуда буд. С. 1940 бо мақсади як шудани алифбоҳои миллатҳои Иттифоқи Советӣ алифбои ҳозиран тоҷикӣ тартиб ёфт. Дар ин алифбо тамоми ҳарфҳои алифбои русӣ ба истисноҳои Щ ва Ы дохил шудаанд. Аломати сакта («твёрдый знак» и русӣ — ъ) овози пасизабонии халқии чуқури айн ва ҳамзаро ифода мекунад. Аломати чудой («мягкий знак» и русӣ — ь) барои: а) чудо кардани ҳиҷои бо йотбарсар саршавандаи тоҷикие, ки моқаблаш ҳамсадост (дарье, дунье, дуньявӣ, афьюн) истифода мешавад; б) дар калимаҳои иқтибосӣ (большевик, табель) ба вазифаи аслии худ меояд. Ҳарфи Ц фақат дар калимаҳои иқтибосии русӣ истеъмол мешавад. Барои ифодаи овозҳои хоси тоҷикии ғ, ӣ, қ, ӯ, ҳ, ҷ ки дар алифбои русӣ аломати графикӣ надоштанд, ба воситаи ишоратҳои махсус ҳарфҳои нав сохта шудаанд. Аз с. 1954 ба А. т. боз ду ҳарф — Щ ва Ы илова гардид, ки ҳамчун ҳарфи Ц дар калимаҳои иқтибосии русӣ навишта мешаванд. А. т. ҳоло 39 ҳарф дорад, ки тартибаш ин аст: Аа, Бб, Вв, Гг, Дд, Ее, Ёё, Жж, Зз, Ии, Йй, Кк, Лл, Мм, Нн, Оо, Пп, Рр, Сс, Тт, Уу, Фф, Хх, Цц, Чч, Шш, Щщ, Ъъ, Ыы, Ьь, Ээ, Юю, Яя, Ғғ, Ӣӣ, Ққ, Ӯӯ, Ҳҳ, Ҷҷ. *Т. Ҳаскашев.*

АЛИФҲО (юн. aleipha — равған), моддае, ки аз равғани растанӣ ва инчунин аз маҳсулоти дар натиҷаи оксидшавӣ ҳосилшудаи карбогидридҳои нефть гирифта мешавад. Ҳангоми ба рӯи маснуот молидан А. дар ҳаво оҳиста-оҳиста хушк шуда, пардаи тунуки эластикӣ ҳосил мекунанд. Аз А. лок ва рангҳои равғанӣ тайёр мекунанд. А. се хел мешаванд: 1) А.-и т а б и й — омехтаи равғанҳои хушкшаванда ё чалахушкшаванда бо сиккативҳо (моддаҳое, ки хушк шудани равғанро метезонанд); 2) А.-и локӣ ё нимсинтезӣ, ки дар навбати худ якчанд хел мешаванд: А.-и равғании полимершуда, А.-и равғании оксидшуда ва ғ. А.-и глифталӣ — маҳсулоти камравғани баландсифат. Онҳоро аз маҳсулоти дар натиҷаи тағьирёбии глицерину ангидриди фтал ҳосилшуда тайёр мекунанд. Дар таркиби аксари А.-и локӣ низ сиккатив ва ҳалкунандаҳо мавҷуданд; 3) А.-и с и н т е з ӣ дар натиҷаи оксидшавии карбогидридҳои нефть (мас., уайтспирит) ҳосил мешаванд. А.-ро барои муҳофизати маснуоти чӯбин аз пӯсиш ва металл аз зангзанӣ истифода мебаранд. Дар Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. бо ҳамкории з-ди локу рангубори Душанбе усулҳои аз равғани пахта ва офтобпараст истеҳсол кардани А.-и баландсифат кор карда шудаанд. *Н. Раҷабов.*

АЛИХАНОВ Абрам Исаакович (4. 3. 1904, Тбилиси — 8. 12. 1970, Москва), физики советӣ, акад. АФ СССР (1943), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1954). Аввалин корҳои илмии А. ба таҳлили рентгеноструктурӣ ва физикаи нурҳои рентгенӣ оиданд. Аз с. 1934 дар соҳаи физикаи ядро, ҳодисаҳои радиоактивият тадқиқот мебарад. Бо бародараш А. И. Алиханьян (аъзо-корр. АФ СССР, акад. АФ РСС Арм.) аз ядроҳои ангезида афканда шудани ҷуфти электрон-позитрон, инчунин ба номери тартибии атоми элемент вобаста будани β-спектрҳоро кашф намуд. Баъд бо А. И. Алиханьян ва Л. А. *Арцимович* (1936) қонуни баҳои импульсро ҳангоми аннигиляцияи ҷуфт дар таҷриба исбот кард. Тадқиқоте, ки Алиханов, Алиханьян ва С. Я. Никитин с. 1939 сар карда буданд, боиси дар таркиби нурҳои кайҳонӣ ошкор кардани сели протонҳои баландсуръат гардид. Бо ҳамкорони худ бори нахуст дар СССР реакторҳои ядрӣ (1949) ва суръатфизои энергияаш 7 ГэВ (1961; 1 ГэВ = 1 млрд эВ) сохт. Таҳти роҳбарии А. лоиҳаи суръатфизои энергияаш то 70 ГэВ кашида шудааст. Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1941, 1948, 1953). Бо 2 ордени Ленин ва ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

АЛИЧӮР, дарьё дар Помири Шарқӣ, болооби д. Ғунд. Тӯлаш 296 км, масоҳ. ҳавзааш 13700 км². Саробаш — пирьяхҳои интиҳои шарқии қ-кӯҳи Аличури Ҷанубӣ. Болооби А. Ғурумдӣ ном дорад. А. аз водии фарохи Аличур ҷорӣ шуда, ба Яшилкӯл мерезад. Ба А. шохобҳои бисьёре ҳамроҳ мешаванд. Давраи серобӣ — июль, авг. (сарфи об 340 м³/сон), камобӣ — янв.— февр. (сарфи об 28 м³/сон). Манбааш пирьяху барф. *Н. Худоиев.*

АЛИЧӮР, яке аз водиҳои баландкӯҳи Помири Шарқӣ. Байни қ-кӯҳҳои Аличури Шимолӣ ва Аличури Ҷанубӣ дар баландии 3734—4000 м аз с. б. воқеъ гаштааст. Аз ағбаи Найзатош то Яшилкӯл қариб ба 90 км тӯл мекашад. Бараш 2—18 км. Сатҳаш асосан ҳамвор, бо шағалу сангреза (моренаҳои қадима) ва қабати хоки пӯшидааст. Кӯҳҳои атроф аз сатҳи водӣ то 1000—1500 м баланд буда, нишебаҳояшон ба водӣ моиланд. Аз водӣ д. Аличур ҷорӣ шуда, ба Яшилкӯл мерезад. Дар водӣ ва нишебаҳои кӯх, ба ғаир аз растаниҳои хӯшадори даштӣ, явшон, хорбуттаҳо меруёнд. Кӯлҳо бисьёранд: Яшилкӯл, Сассиқкӯл, Оқбалиқ ва ғ. Иқлими водии А. тобистон салқини хушк (ҳарор. миёнаи июль 8—12° С), зимистон хунуки бардавом ва камбарф (ҳарор. миёнаи

Манзараи водии Аличур.

янв.— 16—20° С). Боришоти солона аз 100 мм камтар. А.— водии камаҳолӣ, маҳалҳои аҳолинишин—деҳаҳои Аличур ва Оқҷар. Дар маркази водӣ ёдгории таърихии а. 19 — мақбараи Бошгунбаз воқеъ аст. Катибаҳои рӯи санг, ки дар саргаҳи водӣ ёфт шудааст, шаҳодат медиҳад, ки дар А. аз замонҳои қадим одам маскун будааст. Аз водӣ роҳи мошингарди Ӯш — Хорӯг мегузарад. А. чарогоҳи хуби қутосу гӯсфандон аст. *Ю. С. Усков.*

АЛИЧӮР, деҳа дар С. қ. Аличур, р-ни Мурғоби ВАБК, дар сари роҳи мошингарди Ӯш — Хорӯг. Аз А. то С. қ. 17 км, то маркази район 105 км. Терр. с-зи чорводории «Булункӯл». Аҳол. 635 наф. (1976), аксар қирғизҳо. Мактаби миёна, китобхона, клуб ва магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — қутоспарварӣ.

АЛИЧӮР, қабристонест дар яке аз водиҳои калонтарини Помири Шарқӣ. Дар А. аз қадим одам маскан дошт. Дар резишгоҳи д-ҳои Чӯлоқтакка, Оқчилга, Қабриған ва ғ. бошишгоҳи одамони асри санг (ҳазорсолаи 9—8 то м.) маълум шудааст. Бошишгоҳҳо иқоматгоҳи мувақкатии шикорчиён буданд, ки аз онҳо фақат олоти сангӣ: нӯги найзаҳо ва кордҳои гуногун боқӣ мондаанд. Маданияти А. аз маданияти Маркансуи Помири Шимолӣ хеле фарқ дошта, аз диг. ёдгориҳои Помири Шарқӣ ба назар кӯҳнатар мерасад. Дар ҳазорсолаи то м. дар водии А. қабилаҳои ҷанговари сакҳо зиндагӣ мекарданд, ки бо чорводорӣ машғул буданд. Дар поёноби д. Аличур ду қабри сакҳо ёфт шуд, ки аз онҳо найзаҳо, афзоли асп, зарфҳои сафол баромаданд. Хусусан дегчаи биринҷӣ хеле ҷолиби диққат аст, ки дар ду гӯшакаш акси барҷастаи лошаҳӯри уқобмонанд ҳаст. Дар асрҳои миёна водии А. роҳи корвонгузар будааст. *В. А. Раков.*

АЛИЧӮРИ ШИМОЛӢ, Бозордара, қаторкӯҳ дар Помири Шарқӣ. Аз Ғ. ба Ш. 110 км тӯл кашида, водии Аличурро аз водии Мурғоб ҷудо мекунад. Дар самти Шим. шохаҳои калон дорад: к. Ирхт (қуллаи Кулин 5929 м), к. Сарез (5800 м), кӯҳи Марҷанай (қуллаи Бозортеппа 5880 м). Асосан аз варақасанг ва оҳаксангҳо иборат аст. Нишебаҳои шимолии А. Шим. бештар бо водиҳои чуқури танг бурида шуда, пирьяхҳо доранд. Масоҳ. умумии пирьяхҳо 975 км². Дар нишебаҳои кӯҳ растаниҳои хушадори даштӣ, явшон ва хорбуттаҳо меруянд. *О. Е. Агаханянц.*

АЛИЧӮРИ ҶАНУБӢ, қаторкӯҳ дар қисми ҷанубии Помири Шарқӣ. Аз Ғ. ба Ш. қариб 140 км тӯл кашида, водии дарёҳои Аличур ва Помирро аз ҳам ҷудо мекунад. Баландии миёнааш — 4500—5000 м, нуқтаи баландтаринаш 5706 м (қуллаи Қизилдӯнгӣ). Аз граниту гнейсҳо ва варақасангҳои кристаллӣ таркиб ёфтааст. Масоҳ. пирьяхҳояш тақрибан 30 км². Дар нишебаҳои қ-кӯҳ осори пирьяхҳои қадима боқӣ мондаанд; растаниҳои баландкӯҳи биёбонӣ ва хорбуттаҳо меруянд. *О. Е. Агаханянц.*

АЛИҶОН, деҳа дар С. қ. Пушинги р-ни Данғараи вил. Кӯлоб. Маркази к-зи ба номи К. Маркс. То маркази р-н 12 км; роҳ асфальт. Аҳол. 855 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби 8-сола, китобхона, клуб, нуқтаҳои хизмати маишӣ, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа ва магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Аҳолӣ аз оби чашмаҳо истифода мебарад.

АЛИҶОНИ ҒИЖЖАКӢ علی جان غژکی (с. тав. ва ваф. номаълум), машшоқ ва бастакори а. 15. Ҷои тав. ва ваф. Ҳирот. Санъати мусиқиро дар назди Усто Шодӣ (а. 15) омӯхт. Асарҳои А. Ғ. аз ҷиҳати сохт ва шакл мураккаб буда, дар асоси зарбҳои гуногуни мусиқӣ тасниф шудаанд. Оҳанги «Ҷуфти моҳи ҳилол» яке аз асарҳои машҳури ӯст. Ба вазну зарбҳои «Даври шоҳӣ», «Савти Дугоҳ», «Савт», «Амал», «Кор», «Пешрав» ва «Таропа» асарҳои мусиқӣ эҷод намуда, қисме аз онҳоро ба Усто Шодӣ бахшидааст.

АЛИҶУББИ НОЙ علی جب نائی (с. тав. ва ваф. номаълум), бастакор ва машшоқи а-ҳои 15—16. Ҷои тав. ва ваф. Марв. Аз даромади касби чоҳканӣ таъмини маишат мекард. А. Н. мусаннифи асарҳои зиёди мусиқӣ ба мақомҳои «Рост», «Ҳусайнӣ» буда, оҳанги «Пешрави Ҳисор» аз ҷумлаи таснифоти маъмули ӯст. Ин асари А. Н. бо номи «Пешрави Хоҷа Чорторин Найгир» низ маълум аст.

АЛКАЛОИДҲО (аз ар. القلو — алқилв — ишқор ва юн. éides — монанд), пайвастҳои органикии нитрогендор, ки хосияти асос доранд. Моддаҳои захрнок ба миқдори муайян дар намуди намак чун дору истифода мешаванд (мас., никотин, атропин, хинин, папаверин, морфин, кодеин, стрихнин, кофеин ва ғ.). Асосан дар растанӣ (ба миқдори кам дар организми ҳайвонот) мавҷуданд. Миқдори А. дар растанӣ ба шароити сабзиш ва давраи нашви он вобаста мебошад. А. навбаҳорон дар баргу поёи растаниҳо ва тирамоҳ дар тухми растаниҳои яксола, пиёз, реша ва тухми растаниҳои бисьёрсола бештар ҷамъ мешаванд. Як қисми А. (мас., кофеин, теобромин, эфедрин, ареколин)-ро синтез мекунанд. Аввалин бор А.-и *афьюн* дар шакли омехтаи моддаҳои кристаллӣ ошкор шуданд (1803). С. 1806 аз афьюн алкалоиди алоҳида — морфин ҷудо карданд. Баъд аз ин олимон хулоса баровардаанд, ки дар растанӣ ғайр аз моддаҳои хосияти нейтралӣ ва кислотавидошта, моддаҳои хосияти асосдошта низ мавҷуданд. Агар аз таркиби чой, қаҳва, тамоку, занҷабил ва диг. гиёҳҳо А.-яшон ҷудо карда шавад, онҳо қимати худро гум мекунанд. А. моддаҳои фаъол мебошанд. Таркиби молекулаҳои А. ғайр аз нитроген атомҳои карбон, гидроген, оксиген ва сульфур ҳам доранд. Нитроген ба А. хосияти ишқорӣ медиҳад. Ҳоло дар тиб дар муолиҷаи беморихо зиёда аз сад А. истифода мешаванд. Баъзе А. (мас., анабазин)-ро дар х. қ. чун инсектицид (моддаи химиявии ҳашароткуш) истифода мебаранд. Банҷ, банги девона, тараншул (гелиотроп) барин гиёҳҳо, ки дар таркибашон А.-и захрнок доранд, дар киштзор месабзанд. Ҳосили чунин киштзорҳо бояд ҳатман аз тухми ин гиёҳҳо тоза карда шавад. Дар акси ҳол мумкин аст, ки истеъмоли он одам ва ҳайвонотро ба касалиҳои вазнин гирифтор намояд.

Дар СССР оид ба омӯзиши А. академик А. П. Орехов ва шогирдони ӯ Г. П. Меньшиков, Р. А. Коновалова, С. Ю. Юнусов, О. С. Содиқов ва диг. саҳми бисёр гузоштаанд.

Дар Тоҷикистон Ин-ти химияи АФ республика дар асоси берберин (алкалоиде, ки аз *анбарборис* гирифта мешавад), беролин (алкалоиде, ки дар муолиҷаи касалиҳои ҷигар ва роҳҳои талха истифода мебаранд), цитизин (алкалоиде, ки аз *афсонан* ҳосил мекунанд) ва папаверин, ки бо хлорангидриди кислота таъсир дода шудааст, моддаҳое ҳосил кардаанд, ки фишори хунро паст мекунанд ва хосияти рафъи ташаннуҷ (спазмалитӣ) доранд. Ходимони ин-ти мазкур аз баъзе намудҳои лолаи маҳмез — Corydalis алкалоиди нави коридаин, корнаин ва аз Thalictrum кабудинро кашф кардаанд.

Ад.: Орехов А. П., Химия алкалоидов, М., 1955; Юнусов С. Ю., Алкалоиды, Ташкент, 1968.

В. К. Буриченко.

АЛКИЛОНӢ, ба ҳар гуна пайвастҳои химиявӣ дохил кардани гурӯҳи *алкилҳо*. Ба реакцияи А. концентрацияи компонентҳо ва нисбияти онҳо, катализатор, ҳарорат ва диг. омилҳо таъсир мекунанд. А. дар саноат барои синтези рангубору дорувор, сӯзишвориҳои баландҳаҷтан, полимерҳо, гомологҳои бензол, эфирҳои соддаю мураккаб ва инчунин дар амалияи лабораторӣ истифода мешавад.

АЛКИЛҲО, боқимондаи (радикали) яквалентаи *карбогидридҳои* сер. Мас., метил CH_3 — боқимондаи метан CH_4, этил C_2H_5 — боқимондаи этан C_2H_6 ва ғ. Бештар бо ҳарфи R, баъзан бо Alk. ишора мекунанд.

АЛКИН Илиас Гиреевич (1898—1939), географ ва иқтисодчии советӣ. Проф. Ун-ти Коммунистии меҳнаткашони Шарқ. Доир ба географияи иқтисодии республикаҳои Осиёи Миёна ва масъалаҳои назариявии

географияи иқтисодӣ тадқиқот бурдааст. Асари асосиаш: «Осиёи Миёна. Очерки географияи иқтисодии Қароқалпоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон» (1931).

АЛКОГОЛИЗМ, беморнест, ки дар натиҷаи мунтазам ва мудом истеъмол кардани нӯшокиҳои спиртнок пайдо гардида, бемор ба чунин нӯшокиҳо вирд мекунад ва ин боиси ранҷурии рӯҳию ҷисмонӣ, вайрони ахлоқ ва муносибатҳои иҷтимоии ӯ мегардад. Бадмастӣ А. нест, балки яке аз зуҳуроти кирдори зиддиҷамъиятӣ буда, А.-ро ба вуҷуд меоварад. А. ва бадмастӣ меҳнату зисти осоиштаи ҷамъиятро халалдор менамояд. Нӯшокии алкоголӣ бо роҳи ҳозима ба хун дохил шуда, ба ҳуҷайраҳои майна таъсир мекунад, ки ин боиси тира шудани тасаввур, кундии зеҳн ва карахтии маркази нозири асаб мегардад. Бемор ба саргаронию афсурдарӯҳӣ гирифтор гардида, дард ҳис мекунад. Аз нӯшокии алкоголиро дуру дароз ва аз ҳад зиёд истеъмол намудан оҳиста-оҳиста А.-и музмин сар мезанад, ки он минбаъд боиси номураттабии фаъолияти рагу дил, ҷигару меъда, сустии хотир ва ҳолати таваҳҳум мегардад. Дар сурати ба 1 кг вазн рост омадани 7—8 г алкоголь организм ҳалок мешавад. Дар ҷамъияти капиталистӣ А. барои истисморшавандагон офати иҷтимоӣ мебошад. Сабабҳои ривоҷ ёфтани А.-ро дар ҷамъияти капиталистӣ Ф. Энгельс с. 1845 дар «Аҳволи синфи коргар дар Англия» ном асари худ таҳлил намудааст.

Оқибатҳои зараркоки иҷтимоии А. аз паст шудани ҳосилнокии меҳнат, зиёд шудани коргурезӣ, афзудани бадбахти чи дар меҳнату чӣ дар ҳаёти осудаи меҳнаткашон ва ғ. иборат мебошад. А.-ро бо доруҳои қайовар ва муолиҷаи рӯҳӣ (гипноз — хоби фусунӣ ва ғ.), ҳосил намудани реакцияи ҷавобии манфӣ нисбат ба нӯшокиҳои алкоголӣ дар беморхонаҳои рӯҳӣ ва профилакторияҳои табобатии меҳнатӣ (ПТМ) муолиҷа мекунанд. Дар ҷамъияти совети ташкилотҳои давлатӣ, партиявӣ, иттифоқҳои касаба, комсомол ва органҳои нигаҳдории тандурусти ба муқобили А. пайваста муборизаи қатъӣ мебаранд. Дар мамлакатҳои социалистӣ А.-ро дар байни насли наврас дар асоси қонун ва меҳнати тарбиявӣ пешгирӣ мекунанд. Мувофиқи Указ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. (1965) муолиҷаи маҷбурии беморони А.-и музмин дар стационар, муассисаҳои муолиҷаи махсус ва ПТМ-ҳо ба роҳ монда шудааст.

Ад.: Гулямов М. Г., Умаров С. Э., История, современное состояние и меры улучшения принудительного лечения больных хроническим алкоголизмом. «Здравоохранение Таджикистана», 1973, № 1.

М. Г. Гулямов

АЛКОГОЛЬ (ар. الكحول — ал-кухул — спирт), ниг. *Спирт*.

АЛЛА́, суруди халқист, ки ҳангоми хобонидани кӯдак месароянд. А.-ро модарон вақти гаҳворачунбонӣ бадоҳатан эҷод мекунанд. А. матни махсус надорад. Ба сифати А. баъзан шеърҳои халқӣ ё китобиро бо бозгӯи маъмули фольклорӣ месароянд. Дар А. руҳия ва эҳсосоти модар, орзуву умедҳои ӯ барои хушбахтии кӯдак ифода меёбад. Модар баъзан ба воситаи он дарди дили худро низ холӣ мекунад. А. ҳисси эстетикии кӯдакро бедор намуда, ба дарки нафосати савту овозҳои форам ва оҳанги сухан ёрӣ мерасонад. Абӯалӣ ибни Сино хосияти тарбиявии сурудҳои А.-ро қайд намуда дар ҷилди 1-ми «Алқонун» навиштааст, ки «барои қонеъ кунонидани тақозои кӯдак ду василаро ба кор бурдан лозим аст: аввал, гаҳворааи ӯро мавзун ҷунбонидан, сонӣ, то ин ки хобаш барад, А. гуфтан. Вобаста ба қобилияташ дар замири кӯдак майлу рағбате ба варзиш ва мусиқӣ ба вуҷуд меояд». А. дар маҳалҳои гуногун ба оҳанги хос сароида мешавад. Ҳангоми А.-гӯӣ истифодаи оҳангҳои фораму соддаи халқӣ ҳам мушоҳида мешавад. Шоирон ва оҳангсозони советии тоҷик А.-ҳои нави замонавӣ эҷод кардаанд. Дар тақлиди оҳанг ва шакли А.-ҳои халқӣ сурудҳои ҳаҷвӣ ва ҳазломез низ ба вуҷуд омадаанд.

Б. Шермуҳаммадов.

АЛЛЕ́ГРО (итал. Allegro, — шӯх), 1) дар мусиқӣ суръати баландро меғӯянд. 2) Пьесаи мусиқӣ ё қисми он, ки бо ҳамин суръат иҷро мешавад. Одатан қисми 1-уми (баъзан қисми 4-ум ва минбаъдаи) симфония, квартет, соната ва ғ. 3) Дар рақси классикӣ қисми авҷноки па де дё, па де труа ва ғ. Рақси умумии хотимавӣ низ ба тарзи А. иҷро мешавад.

АЛЛЕЛОПА́ТИЯ (юн. allélōn — дутарафа ва páthos — таъсир), таъсири мутақобилаи организмҳои мухталиф дар натиҷаи аз худ ҷудо кардани моддаҳои гуногун. Мас., микроорганизмҳои алоҳида ҳангоми мубодилаи модда антибиотик ҳосил карда, рушди микроорганизмҳои дигарро сust мекунанд ё бозмедоранд; баъзе растаниҳои дараҷаи олӣ дар натиҷаи мубодилаи модда моддаҳои гуногун ҳосил карда, ба растаниҳои дараҷаи олии диг. таъсир мерасонанд, яъне нумӯи онҳоро метезонанд ё сust мекунанд; ҳашаротҳо моддаҳои ба растанӣ таъсиркунанда ҳосил менамоянд ва ғ. Ҳодисаи А.-ро дар киштукор, зироатпарварӣ, биологияи кайҳонӣ ва ғ. ба назар гирифтан аҳамияти калон дорад.

АЛЛЕЛҲО́ (юн. allélōn — дутарафа), **аллеломорфҳо**, *генҳое*, ки дар локусҳои (ҷойгоҳҳои) якхелаи хромосомаҳои гомологӣ (яксон) ҷойгир шудаанд. А. ҳолатҳои гуногуни як ген буда, намудҳои мухталифи худи ҳамон аломатро муайян мекунанд. Одатан ду ҳолати аллелии генро вобаста ба структурааш фарқ мекунанд: А.-и доминантӣ — ҳолати аллелии ген, ки пурра инкишоф ёфтани аломатро таъмин мекунад ва А.-и рецессивӣ — ҳолати аллелии ген, ки боиси қисман ё тамоман ноайён шудани аломат мегардад. Мас., дар растанӣ А.-и доминантӣ боиси пайдо шудани гулҳои рангин, А.-и рецессивӣ бошад, боиси пайдо шудани гулҳои беранг мегардад; гене, ки ранги чашмро муқаррар мекунад, дар одамони мешчашм, дар намуди А.-и доминантӣ, вале дар одамони кабудчашм дар намуди А.-и рецессивӣ зоҳир мегардад. Ҳангоми пайдо гардидани ҳуҷайраҳои ҷинсӣ ба ҳар яки онҳо бо ҳамроҳии яке аз хромосомаҳо танҳо як аллел дохил мешавад. Дар аснои *бордоршавӣ* — омезиши ҳуҷайраҳои ҷинсӣ — ҷуфтияти хромосомаҳо, А. ҳам барқарор мегарданд. Агар ген дар якчанд ҳолатҳо (зиёда аз ду) вохӯрад, дар ин сурат вай А.-и сершуморро ҳосил мекунад. Ниг. *Ирсият*.

Ю. С. Носиров.

АЛЛЕРГИ́Я (юн. ἄllos — дигар, бегона ва érgon — таъсир), ба баъзе моддаҳои номусоид бағоят ҳассос будани организм. Зуҳуроти чунин эҳсоси баланд бештар ирсӣ буда, ба таъсироти реакцияи умумии организм вобаста аст. Моддаҳое, ки реакцияи аллергиро ба вуҷуд меоваранд, аллерген ном доранд. Гарди растанӣ, чанги хона, матоъҳои синтезӣ, баъзе хӯрокворихо, доруҳо ва ғ. аллерген шуда метавонанд. Аллерген ба организм ворид шуда, дар бофтаҳои лимфоидӣ *антиҷисмҳо* ҳосил мекунад. Бо таъсири мутақобилаи аллерген ва антиҷисмҳо моддаҳои барои организм заҳрнок — гистамин, ацетилхолин, гепарин, брадикинин ва ғ. ҳосил мешаванд. Пайдо шудани каҳир дар бадан, илтиҳоби пардаи луобии чашм ва бинӣ, зиққи нафас ва ғ. аломатҳои зуҳуроти А. мебошанд. Дар ҳолатҳои вазнин боиси *сакта* (шок) ва *коллапс* (ҳумуд) мешавад. Реакцияи аллергӣ тадриҷан — пас аз 24—72 соати ба организм ворид шудани аллерген шурӯъ мегардад, вале агар дар хуни бемор нисбат ба ҳамин аллерген антиҷисм мавҷуд бошад, зуд, пас аз 15—20 дақиқа сар мешавад.

М. Х. Бобохоҷаев.

АЛЛИЛХЛОРИ́Д, хлориди аллил, $CH_2 = CH - CH_2Cl$, пайвасти органикӣ. Моеи беранги бӯяш тез, t ҷӯш 45,1° С, зичиаш 938 кг/м³. А. дар об бад ҳал шуда, бо ҳалкунандаҳои органикӣ омехта мешавад. Бо роҳи хлорониии пропилен (дар 500° С) ҳосил мекунанд. А.-ро дар истеҳсоли глицерин, дору, *инсектицидҳо*, баъзе хелҳои пластмасса, клей ва ғ. истифода мебаранд.

АЛЛО́Н-ДУЛЛО́Н, бозии коллективонаи бачагони тоҷик. А. навъҳои зиёд дорад ва бештар бо иштироки 4 бозигар сар мешавад. Бозигарон нишаста, пойҳояшонро дароз мекунанд. Яктаашон бо овози баланд мегӯяд: «Аллон-дуллон, хӯҷа калон, аркаш баркаш, як пота каш!». Зуд бозигарон пойҳояшонро аз давра кашида пинҳон менамоянд. Касе, ки ин шартро мунтазам ва зуд иҷро накард, бо қарори гурӯҳ «ҷазо» мегирад. Мас., хӯппоқ задан ва ғ. А. дар бачагон хушёрӣ ва чолокиро инкишоф дода, онҳоро дар рӯҳи коллективизм тарбия мекунад.

З. Х. Икромов.

АЛЛОТРИОМОРФИ́ЗМ, ксеноморфизм (юн. allotrios, xenos — дигар, бегона; morphe — шакл), ҳосил шудани минералҳое, ки шакли ба худ хоси кристаллографӣ надоранд. Нахустин кристаллҳое, ки ҳангоми шах шудани магма (дар ҷараёни ҳосил гардидани ҷинсҳои магмавӣ) аз моддаҳои гудохта пайдо мешаванд, шакли мукаммали кристаллографӣ мегиранд. Кристаллҳои минбаъдае, ки дар байни кристаллҳои мукаммал ҷойгир шуда инкишоф меёбанд, шакли кристаллографӣ гирифта наметавонанд. Ин хел кристаллҳоро кристаллҳои аллотриоморфӣ ё ксеноморфӣ меноманд. Муқобили истилоҳи А.— *идиоморфизм.*

АЛЛОТРО́ПИЯ (юн. állos — дигар ва trópos — гардиш, хосият), вуҷуд доштани баъзе элементҳои химиявӣ бо ду ё якчанд шакли моддаҳои соддаи аз ҷиҳати сохту хосиятҳояшон гуногун. Мас., карбон дар табиат дар шакли алмос, графит ва ангишт вомехӯрад. Ҳоло зиёда аз 400 А.-и 103 элементи химиявии системаи даврӣ маълум аст. А. дар натиҷаи гуногун шудани шумораи атомҳои молекулаи модда (мас., O_2 — оксиген, O_3 — озон) ё ҳар хел кристалл ҳосил кардани панҷараи модда (мас., қалъагии сафед ва хокистарранг) ба вуҷуд омада метавонад.

АЛЛОХО́РИЯ (юн. állos — дигар, chóros — ҷой, мавқеъ), дар процесси инкишофи фардӣ ё инкишофи таърихии организмҳо тағйир ёфтани мавқеи узв.Ниг. *Гетеротопия.*

АЛЛОХТО́Н (юн. allos — дигар, chthon — замин), он ҷинсҳои кӯҳӣ ва сарватҳои зеризаминие, ки ба туфайли процессҳои геологӣ ҷойгирдоҳ шудаанд, яъне аз ҷои пайдоиши худ ба ҷои диг. кӯчидаанд. Мас., ангиште, ки дар натиҷаи ҷамъ омадани боқимондаи растаниҳои обовард пайдо шудааст, ангишти аллохтонӣ ном дорад. Дар тектоника — қисми структураҳои чиндоре, ки бо сабаби ҳаракатҳои тектоникӣ кӯчида, рӯи структураи автохтонро (бечонашударо) пушидаанд.

АЛЛЮВИЙ, таҳнишастҳои аллювиалӣ (лот. alluvio — обовард), таҳнишастҳое, ки аз ҷинсҳо-раҳои шустаовардаи дарёҳо ва селобҳо, аз ҷумлаи шағал, сангреза, рег, гил пайдо шудаанд (мас., таҳнишастҳои дарёбод ва суфаҳои соҳили дарёҳо). Ба А. қабатҳои уребҳобидаи ҷинсҳоро хос буда, онҳо аз тағйир ёфтани миқдор, суръат ва самти ҷараёни об ба вуҷуд меоянд. Ҷинсҳоро дар таҳнишастҳои қадими А. дар ҳолати мазбутанд (конгломерат, регсанг, аргиллит ва ғ.). Баъзе конҳои тилло, платина ва минералҳои диг. бо А. алоқаманданд.

АЛМААТО́, пойтахти РСС Қаз. Ниг. *Олмаато.*

АЛМАНА́Х (ар. المناخ — таҚвим), 1) дар асрҳои миёна маҷмӯаҳое буданд, ки дар онҳо ҳодисаҳои табиату ҷамъият дар асоси илми нуҷум пешгӯй мешуданд. 2) Дар адабиётшиносӣ А. маҷмӯаи осори адабиест, ки мувофиқи мавзӯъ, жанр, ғоя ё диг. хусусиятҳояш ба ҳам меояд. Нахустин А. адабӣ дар Франция (миёнаи а. 18) пайдо шуда буд. Бо ташаббуси М. Горький дар адабиёти советӣ А.-ҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Аввалин А. дар адабиёти советии тоҷик «Тӯҳфа» (1934) буд, ки намунаи назму насри с-ҳои 30-ро дарбар гирифтааст.

С. Давронов.

«АЛМАҶАСТӢ» [(ар. المجسطي аз лот. Almagestum), аз юн. Megiste Sýntaxis — «Сохтмони бузург»], осори мунтахаби астрономи Юнони Қадим К. *Птолемей* (Батлимус), ки с-ҳои 150—160 навиштааст. Бо фармони халифаи Аббосӣ Маъмун таҚрибан с. 825 ба арабӣ тарҷума шудааст. «А.» аз 13 китоб иборат буда, тригонометрия, ҷадвали ватарҳо (хордаҳо), астрономияи сферавӣ ва координатаҳои ситорагони минтаҚатулбуруҷро дарбар мегирад. Птолемей ба ҷуз мушоҳида ва тадқиқоташ муваффаҚиятҳои астрономияи замонаашро ҷамъбаст намуда, дар «А.» гирд овардааст. Аз ин рӯ, «А.» дар Юнони Қадим чун қомуси астрономӣ шӯҳрат дошт. Муаллиф дар фасли астрономии «А.» назарияи ҳаракати зоҳирии Офтоб, назарияи ҳаракати Моҳ, координатаҳои эклиптики ситораҳо, назарияи ҳаракати зоҳирии сайёрагонро аз рӯи арзу тӯл баён намуда, феҳристи бештар аз 1000 ситораро овардааст. Дар «А.» бори аввал системаи геоцентрии олам баён ёфта буд, ки мувофиқи он Замин дар маркази олам беҳаракат меистод. Системаи геоцентрии Птолемей якчанд аср ҳукмрон буд ва танҳо дар а 15 модели гелиоцентрии Коперник онро иваз кард.

Дар таърихи астрономияи классикии Шарқ зиёда аз 20 шарҳи «А.» (мас., шарҳи Абулаббоси Фарғонӣ, Ибни Сино, Абӯрайҳони Беруний, Ибни Ҳайсам, Насируддини Тӯсӣ ва ғ.) маълуманд. Абӯрайҳони Беруний инчунин «А.»-ро ба забони санскрит тарҷума карда буд. «А.» нахустин бор с. 1515 дар Венеция ба забони лотинӣ ва с. 1538 дар Базель ба забони юнонӣ ба табъ расид. Математикони Осиёи Миёна дар асоси «А.» ва диг. асарҳои юнониёни қадим тригонометрияи хаттӣ ва сферавиро инкишоф доданд.

Ҳ. Музаффарова.

«АЛ-МИЛАЛ ВА-Н-НИҲАЛ» (ар. الملل و النحل мазҳабҳои динӣ ва ҷараёнҳои фалсафӣ), асари Муҳаммади *Шаҳристонӣ,* ки с. 1121 ба забони арабӣ таълиф шудааст. Ин асар ҳамчун энциклопедияи динӣ-фалсафӣ яке аз сарчашмаҳои мӯътабари илмию таърихӣ буда, барои омӯзиши таърихи афкори динӣ-фалсафӣ аҳамияти калон дорад. «Аз асарҳои доир ба таърихи таълимоти динӣ ва фалсафӣ навишташуда машҳуртаринаш асари Муҳаммади Шаҳристонӣ мебошад. Ӯ тавонистааст материали бисьёре ва умуман эътимоднок ҷамъ намуда, онҳоро бетарафона баён кунад» (В. В. Бартольд, Соч., т. VI, М., 1966, с. 263). Шаҳристонӣ аҳли оламро аз ҷиҳати ақида ба ду гурӯҳ ва вобаста ба он асарашро ба ду ҷилду панҷ муқаддима таҚсим кардааст. Мавзӯи баҳси ҷ. I асосан ислом, мӯътазила, шиа, исмоилия, ҷабария, ашъария, каромия, хориҷия, мурҷиия ва ғ., буда, охири он ба шарҳи дини яҳудӣ, масеҳият, маҷусият, монавия, зардуштия, маздакия ва амсоли онҳо бахшида шудааст. Ҷ. II. мавзӯи мунозираи собеиён бо ҳунафо ва тавсифи таълимоти мутафаккирони юнонӣ Фалес, Анаксимен, Анаксагор, Эмпедокл, Пифагор, Суқрот, Афлотун, Плутарх, Ксенофан, Зенон, Демокрит, Гераклит, Эпикур, Гиппократ (Буқрот), Птолемей (Батлимус), Арасту, Диоген, Плотин, Порфирий (Фарфириус) ва дигаронро дарбар мегирад. Дар охир андешаҳои чанд тан файласуфони Шарқи Миёна ва Наздик аз қабили ал-Киндӣ, Исҳоқ, Наҳвӣ, ал-Муфассир, Сиҷзӣ, ал-Мақдисӣ, Исфизорӣ, Ибни Мискавейҳ, Форобӣ, Ибни Сино зикр шудаанд. Шаҳристонӣ аввалин шуда дар таърихи фалсафа ҷаҳонбинии Шайхурраисро каму беш бо тафсил шарҳ додааст, зеро ба ақидаи ӯ «Сино алломаи ҷавм аст» (Ал-милал..., Қоҳира, 1361, с. 158). Ин асар ба забонҳои немисӣ, англисӣ, форсӣ, туркӣ ва ғ., тарҷума ва нашр шудааст.

К. Беков.

АЛМО́С (юн. adamas — мустаҳкам), минерал, ҳолати кристаллии карбони холис — С. Санги қиматбаҳои дараҷаи 1. Дар системаи кубӣ кристалл мебандад. Аксар беранг, баъзан осморанг (азраҚӣ), кабуд, зард, бӯр ва сиёҳ мешавад. Равшанчило. Сахтиаш 10 (минерали сахттарини табиат); зичиаш 3470—3560 кг/м³. А. дар таркиби ҷинсҳои фишондаи ультраасос — кимберлит ва перидотитҳо вомехӯрад; он аз таъсири ҳарорату фишори баланд ба вуҷуд меояд. А.-ро ҳам аз конҳои асли ва ҳам аз конҳои пошхӯрда пай-

до мекунанд. А.-и табиӣ аз заррахои микроскопӣ то кристаллҳои дорои массаи садҳо ва ҳазорҳо қирот (1 қирот — 0,2 г) шуда метавонад. Вале кристаллҳои зиёда аз 50 қирот (10 г) нодиранд; одатан ба ин хел А.-ҳо ном медиҳанд (мас. «Куллинан» — 3106 қирот, «Эксцельсиор» — 971,5, «Ҷонкар» — 726, «Орлов» — 189,62, «Шоҳ» — 88,7 қирот). Конҳои А. дар СССР (РАСС Ёкут.), Африка (РАҶ), Америкаи Ҷанубӣ (Бразилия, Венесуэла, Гвиана) маълуманд. Навъҳои беранги шаффофи А.-ро баъди қирра баровардан *бриллиант* меноманд ва дар заргарӣ ба кор мебаранд. Алмосреза ва намудҳои хираи он (борт, карбонадо) дар саноати коркарди металл, пармакории чинсҳои сахти кӯҳӣ, ҳаккокӣ, шишабурӣ ва г. истифода мешаванд. А.-и сунъиро, ки чун масолеҳи абразивӣ ба кор меравад, аз карбони холис ва баъзе моддаҳои карбондор ҳосил мекунанд. Дар СССР истеҳсоли А.-и сунъӣ аз с. 1965 ба роҳ монда шудааст.

АЛМОСӢ, деҳа дар С. қ. Алмосии р-ни Ҳисор, дар сари роҳи Ҳисору Ҳонақоҳи Кӯҳӣ. Терр. с-зи «Роҳи Ленин». То маркази район 29 км. Аҳол. 308 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, пункти тиббӣ, китобхона, магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — ғаллакорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз д. Ҳонақоҳ обёри мешаванд.

АЛМУВАҲҲИДӢ الموحدون сулола ва давлати феодалие (1121/1122—1269), ки дар натиҷаи рақобати динию амалиёти сиёсии қабилаҳои барбарии Африкаи Шимолӣ ба мукобили *Алмуробитун* ба вуҷуд омадааст. Асосгузор ва пешвои ҳаракат Ибни Тумарт худро ягонаро мепарастид. Тақр. с-ҳои 1121—22 А. бар зидди алмуробитун қиём кардаанд. Ибни Тумарт худро маҳдӣ эълон намуд. Баъди марги Ибни Тумарт (1128) ҳамкори наздиктарини вай Абдулмӯъмин халифаи А. шуд. Дар таҳти роҳбарии ӯ А. с. 1146 Марокашро забт намуда, алмуробитунро торумор кард ва дар тамоми Африкаи Шимолӣ ва Испанияи Ҷанубӣ давлати бузурги худро ташкил дод. Дар а. 13 ҳокимияти А. таназзул ёфт. С. 1269 амирони сулолаи Марриниён пурқувват гардида, Марокашро ишғол намуданд ва сулолаи А.-ро шикаст доданд.

АЛМУРОБИТӮН المرابطون сулола ва давлати феодалие (миёнаи а. 11—1146), ки дар натиҷаи ҳаракати қабилаҳои барбарӣ таҳти роҳбарии Абдуллоҳ ибни Есин дар Африкаи Шимолӣ ба вуҷуд омад. Маркази ҳаракат работи Абдуллоҳ ибни Есин воқеъ дар ҳудуди ҳозираи Мавритания буд. Пайравони ӯро алмуробитун — «работиён», «сокинони работ» меномиданд. Онҳо аслан ҳарчанд буда, дар муборизаи зидди «душманони маҳҳаб» ҳунари ҳарбӣ меомӯхтанд. А. «кофирон» ва «ҳокимони саркаш»-ро торумор ва «андозҳои ғайриқонунӣ»-ро бекор намуданд, ки ин таваҷҷӯҳ ва хайрхоҳии оммаи халқро ба вуҷуд оварда, боиси муваффақият пайдо кардани ҳаракат гардид. А. дар миёнаи а. 11 Марокашро ҷанубиро забт кард. Амирони қабилаи Лемтун (номи пешинаи А.) Яҳьё ибни Умар (ваф. 1056) ва додараш Абӯбакр (1059—88) сарфармондеҳони ҳарбӣ буданд. С. 1061 Юсуф ибни Ташфин амакаш Абӯбакр ибни Умарро аз роҳбарии ҳаракат дур карда, унвони «амирул-муслимин»-ро гирифт ва баъди марги Абӯбакр сарвари динӣ ва дунявии А. гардид. С. 1090 мусулмонони Испанияро тобеъ кард.

Андозҳои беҳисоб, бедодгариҳои ҳарбиёну ҳукуматдорон ва низоъҳои мазҳабӣ дар давраи ворисони ибни Ташфин норизоии халқро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа давлати А. инқироз кард ва аз тарафи *Алмуваҳҳидун* барҳам дода шуд.

АЛМУҚАНТАРОТ (ар. المقنطرات ҷамъи қантара, ин ҷо ба маънои камон), доираи хурди *сфераи осмонӣ*, ки ба уфуқ параллель аст.

«АЛ-МӮЪҶАМ» (номи пурраш «Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-аҷам») المعجم فى معايير اشعار العجم, асари Шамси Қайси Розӣ дар боби назария ва нақди шеъри форсӣ-тоҷикӣ, таълифаш ибтидои а. 13. Аслан ба арабӣ навишта шуда, иборат аз ду қисм: «Фӣ маоири ашъор-ил-аҷам» ва «Фӣ маоири ашъор-ил-араб» аст. Аммо қисми дуюм аз байн рафта, қисми якум дар тарҷумаи форсӣ-тоҷикӣ (тақр. с. 1232—33 анҷом ёфтааст) боқӣ мондааст. «А.» яке аз қадимтарин ва муҳимтарин таълифоти адабиётшиносии форс-тоҷик аст ва доир ба назарияи шеър як манбаи бебаҳост, инчунин номи як силсила шоирони форс-тоҷики то истилои муғул ва намунаи ашъорашонро нигаҳ доштааст. «А.»-и тоҷикӣ аз ду қисм иборат аст: 1. Дар фанни арӯз — маънии арӯз, афоил, зиҳофот, баҳрҳо, тақтеи абёт ва г.; 2. Дар илми қофия ва нақди шеър. «А.» аввалин бор бо эҳтимоми шарқшиноси англис Э. Браун ва тасҳеҳи адабиётшиноси эронӣ Мирзо Муҳаммади Қазвинӣ с. 1909 ба табъ расидааст.

К. Айнӣ.

АЛО, кӯл дар қисми Тоҷикистонии қ-кӯҳи Зарафшон, дар саргаҳи д. Зиндон (шохоби д. Киштӯд, ҳавзаи д. Зарафшон). Дар нишебаи ғарбии кӯҳи Чимтарға, дар баландии 3140 м воқеъ гаштааст. Масоҳаташ 0,32 км². А. с. 1918 дар натиҷаи кандашавии кӯҳ ва банд шудани водии д. Зиндон пайдо шудааст. Манбаи об — пирьях ва барфҳои доимӣ. Аз назди кӯл, аз водии д. Киштӯд ба Искандаркӯл пайраҳаи туристон меғузарад.

АЛОВАДДИНОВ Иброҳим (тав. 1932, деҳаи Чоркӯҳи Исфара, вил. Ленинобод), ангишткан, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1966). С. 1951 мактаби саноати маъданҳои кӯҳии Шӯробро тамом карда, ба кори кон меояд ва то с. 1952 вазифаи роҳкушоро ба ҷо меоварад. Аз соли 1952 дар кони № 1—2-и управлениеи конҳои «Тоҷикуголь» ангишткан аст. Дар съезди 10 иттифоқҳои касабаи СССР (1968) аъзои Комитети Марказии иттифоқи касабаи коргарони саноати ангишти СССР интихоб шуд. Бо ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АЛОВУДДИН, деҳа, маркази С. к. Фархори р-ни Фархор, вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Роҳи Ленин». Аз А. то маркази район 3 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1236 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, китобхона, 2 клуби зимистона, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, магазин, устохонаи оҳангарӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, чорводорӣ, ғаллакорӣ, обчакорӣ, кирмакдорӣ ва мурғпарварӣ. Заминҳо аз д. Панҷ ба воситаи насосҳо обьёрӣ мешаванд.

АЛОИ БУХОРОӢ علاى بخارائى Алишоҳ ибни Муҳаммад ибни Қосим (1226, Бухоро — 1300, Ҳамадон), астрономи тоҷик. Дар ш-ҳои Мовароуннаҳр, Озарбойҷон, Ироқ ва Эрон зиндагӣ ва эҷод кардааст. Чанд муддат дар Хоразм тадқиқоти илмӣ бурдааст, ки аз ин сабаб уламои даврон ӯро Ало-ул-Хоразмӣ низ ном бурдаанд. Дар расадхонаи Марога бо Насируддини Тӯсӣ (1201—74) мушоҳидаҳои астрономӣ гузарондааст. Дар «Ал-ашҷор в-ал-асмор фӣ аҳкоми инҷуҷум» («Дарахтон ва меваҳо дар илми нуҷум») (1288) ва «Умдат-ул-Элхония» («Умдаи Элхония») (1296) ном рисолаҳояш, ки дар Лондону Бамбай маҳфузанд, донишҳои астрономии замони худро ҷамъбаст кардааст. «Зиҷи Хоразмшоҳӣ»-и ӯ (1286) ба тақвиму назарияи ҳаракати ситораҳову сайёраҳо доир аст. Ин асар дар китобхонаи Ин-ти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷ. маҳфуз мебошад. А. Б. дар ин рисола майли эклиптика, координатаҳои ситораҳо, хусуф (гирифти Моҳ), кусуф (гирифти Офтоб)-ро тадқиқ кардааст. Ҷадвали функцияҳои тригонометрии синус, косинус, тангенс ва котангенс, ки А. Б. тартиб додааст, аз ҷадвалҳои ҳозира хеле кам тафовут дорад.

М. Ёқубов.

АЛОКӮЛ, кӯли шӯри баста дар ҳамин Балхашу Алокӯли РСС Қаз. Дар баландии 343 м воқеъ аст. Масоҳ. тақрибан 2200 км², чуқурааш то 45 м. Ба он д. Эмел мерезад. А. бо кӯлҳои камобии Уялӣ, Сассиқкӯл





Ба мақолаи РСС Арманистон. 1. Кӯҳи Арарат. 2. Кӯҳҳои қарибии деҳаи Гарнии ноҳ. Абовян. 3. Хонаи суҳуматии РСС Арманистон дар Ереван. 4. Майдони ба номи Спандарянин Ереван. 5. Цехи ресандагии фабрикаи трикотажии Ленинакан. 6. Гирифтани ҷаҳдум дар совхози «Гарни»-и ноҳ. Абовян.









Ба маколаи РСС Арманистон [illegible] 1. Тарроҳонаи расадхонаи астрофизикии АФ РСС Арманистон дар Бюракан. 2. Шўъбаи технологии Институти [illegible] ба номи Мичоянц АФ РСС Арманистон. 3. Антеннаи кўшкнаи Институти тадқиқоти [illegible] дар Ереван. 4. Маъбади Спиҳанавор, а. 13, дар р-ни Ехегиадзор. 5. Ёдгорӣ [illegible] дар р-ни Октябрян 1968 Меъмор Р. С. Израелян, ҳайкалтарошон А. А. Арутюнян, [illegible] А. А. Шагинян. 6. М. С. Сарьян. «Колхозҳо дехаи Карнич, дар кўҳҳои Туманян» 1952. Нигоҳиштаи [illegible] Ереван. 7. «Рақси чанговарон» дар иҷрои ансамбли суруд ва рақси РСС Арманистон [illegible] Театри академии ордени Ленинии опера ва балети ба номи А. Спендиаров

АЛОМАТҲОИ ОГОҲӢ

1.1
Гузаргоҳи шлагбаумдори роҳи оҳан

1.2
Гузаргоҳи бешлагбаум роҳи оҳан

1.3
Миёнбурии роҳи трамвай

1.4
Миёнбурии роҳи ивазка

1.5 а
Миёнбурии роҳи фаръӣ

1.5 б
Васли роҳи фаръӣ ба асосӣ

1.6
Миёнбурии роҳи асосӣ

1.7
Чорраҳаи тамғанмӣ

1.8
Пули миёнчудо

1.9
Соҳили сароҳер

1.10 а

1.10 б

Гардиши пурҳаво

1.11 а

1.11 б

Роҳи марпеч

1.12
Нишеби рост

1.13
Нишеби фароз

1.14
Роҳи ноҳамвор

Роҳи ларзонак

1.16
Сангпар

1.17 а
Роҳи танг

1.17 б
Роҳи танг

1.18
Ҳаракати дусӯя

1.19
Гузаргоҳ

1.20
Бачадо

1.21
Таъмир

1.22 а

1.22 б

Чорво дар роҳ

1.23
Сангрез

1.24
Бедарака

1.25
Эҳтиёт!

Ба мақ. Аломатҳои роҳ

АЛОМАТҲОИ МАНЪ

2.1

Манъи гузар

2.2

Манъи ҳаракат

2.3

Манъи ҳаракати автомобиль

2.4

Манъи ҳаракати автомобили борбаш

2.5

Манъи ҳаракати мотосикл

2.6

Манъи ҳаракати арба

2.7

Манъи ҳаракати трактор

2.8

Манъи ҳаракати ядакдор

2.9

Манъи ҳаракати велосипед

2.10

Манъи ҳаракати пайдо

2.11

Ҳадди аврӯ

2.12

Ҳадди бори меҳвар

2.13

Ҳадди баландӣ

2.14

Ҳадди бар

2.15

Исто ҳатмӣ

2.16 а

Манъи гардиш ба чап

2.16 б

Манъи гардиш ба рост

2.17

Манъи гардиш ба ақиб

2.18

Манъи пешгузарӣ

2.19

Манъи пешгузарии автомобили борбаш

2.20

Ҳадди суръат

2.21

Манъи сигнали садо

2.22

Манъи ист

2.23

Манъи таваққуф

2.24

Бартарии воситаҳои нақлиёти муқобилҳаракат

2.25 а

Интиҳои манъи пешгузарӣ

2.25 б

Интиҳои манъи пешгузарии автомобилҳои борбаш

2.25 в

Интиҳои ҳадди суръат

2.25 г

Интиҳои ҳамаи ҳадҳо

Ба мақ. Аломатҳои роҳ

АЛОМАТҲОИ АМР

3.1а

3.1б

3.1в

3.1г

3.1д

3.2а

Самти ҳатмии ҳаракат

Самти гузаштани монеа

3.3

Ҳаракати даврӣ

3.4

Ҳаракати автомобилҳои саҳҳуравӣ

3.5

Пойраҳои велосипедрониҳо

3.6

Пойдараҳа

3.7

30

Суръати ҳаммарии

3.8

50

Ниҳоҳои ҳадди суръати ҳаммарии

АЛОМАТҲОИ ИШОРАТ

4.1

Роҳи асосӣ

4.2

Охири роҳи асосӣ

4.3

Роҳи тавгузор

4.4

Охири роҳи тавгузор

4.5а

г.Орёл

4.5б

Орлово

Маҳалли аҳолинишин

4.6

г.Орёл

Охири маҳалли аҳолинишин

4.7

Бартарӣ дигаҳо рӯ ба рӯ омадани воситаҳои нақлиёт

4.8

Самти ҳаракат дар ҳатор

4.9а

4.9б

Ҳаракати ҳаҳсамта

4.10а

4.10б

Роҳи сарбаста

4.11а

4.11б

4.11в

25м

Ҳ а р а к а т б а р д а в

4.12

Р

Ҷиҳатгоҳ

4.13

Гузаргоҳ

4.14а

Қӯрғонтеппа

г.Ленин

Ешон

4.14б

Регар 10

Чилтӯраҳ

Қаротоғ 3

Ишоратҳои самти ҳаракат

4.15

Лучоб 18

Нишондиҳандаи самт

Ба мақ. Аломатҳои роҳ

АЛОМАТҲОИ ИШОРАТ

4.16 Ленинобод 341
Айнӣ 161
Ҳушьерӣ 43

Нишондиҳандаи масофа

4.17 ш.Вахш

Маҳаллаҳо

4.18 281

Аломати километр

4.19 20

Рақами роҳ

4.20 20км

Станцияи автобанзин

4.21 500м

Хизматрасонии техникӣ

4.22

Ёрии тиббӣ

4.23

Телефон

4.24

Ошхона

4.25

Меҳмонхона

4.26

Кемпинг

ВОСИТАҲОИ ИЛОВАГИИ АХБОР

5.1 100м

Ҳаракати тағйирёбанда аломат

5.2а 300м

5.2б 1км

5.2в STOP 250м

Масофа то маҳалҳо

5.3а

5.3б

5.3в

5.3г 10м

5.3д

5.3е

Самти тағйирёбии аломат

5.4

Қатори ҳаракат

5.5 ОБЪЕЗД

Самти гузар

5.6 8.00-17.30

Вақти тағйирёбии аломат

5.7

Маҳдудиятҳо

5.8а

5.8б

5.8в

Гузаргоҳи роҳи оҳан

5.9

Тасвири шоҳроҳи роҳдор нишонаи

5.10

Самти роҳи асосӣ

5.11

Самти ҳаракат

5.12 СТОП

Стоп (ист)

..Эҳтиёт, поезд!"

Ба мақ. Аломатҳои роҳ

ва Жаланашкӯл системаи кӯлҳоеро ташкил медиҳад, ки ҳавзаашон то ба 55 ҳаз. км² мерасад. Янв. ях баста, апр. об мешавад. Аз А. ширмоҳӣ, заҳорамоҳӣ шикор мекунанд.

АЛОМАТ (ар. علامة — нишона, тамға), предмети моддӣ (зуҳурот, воқеа), ки ба сифати ифодаи предмети диг., хосият ё таносуби он хизмат намуда, барои пайдо кардан, маҳфуз доштан, такмил ва интиқоли маълумот (ахборот, дониш) ба кор бурда мешавад. Ба тадқиқи функцияҳои гносеологии А. файласуфони антиқа (Афлотун, Арасту, равоқиён), мутафаккирони а-ҳои 17—18 (Локк, Лейбниц, Кондильяк) эътибори калон медоданд. Дар вақтҳои охир оид ба А. илми махсус — *семиотика* (Пирс, Ч. Моррис ва диг.) ба вуҷуд омадааст. А.-ро дар вазъияти махсуси иҷтимоӣ (ба ном вазъияти аломатӣ) истифода мебаранд. Ин гуна вазъият бо ташаккули нутқ (забон) ва тафаккур узван алоқаманд аст. А.-ҳо одатан ба А.-и забонӣ ва А.-и ғайризабонӣ ҷудо мешаванд. А.-ҳои ғайризабонӣ дар навбати худ ба А.-нусхаҳо, А.-нишонаҳо, А.-ишораҳо тақсим мешаванд. А. бо процесси интиқоли ахбор алоқаи бағоят зич дорад. Хусусиятҳои муҳимтарини А. аз инҳо иборатанд: А. ба сифати объекти моддӣ барои ишорат ягон чизи диг. хизмат мекунад; аз ин ҷо моҳияти А.— объекти ифода мекардагии онро муайян пахарда, образи объекти ифодашуда ба ҳиссиёти ба воситаи он ифодашаидаро фаҳмидан мумкин нест. Ҳаҷми хабарҳо бо ёрии А.-ҳо имконият медиҳад, ки ахборот ба воситаи таҷҳизоти техникӣ расонда шавад.

АЛОМАТИ САРҲАД, хати муайянкунандаи ҳудуди давлат. Ҳудуди хушкӣ ва баҳрии давлат мувофиқи ризоияти давлатҳои дахлдор муқаррар мешавад. Маросими муайян кардани сарҳад 2 давра дорад: аз рӯи шартнома муайян кардани самт ва мавқеи сарҳад (делимитация), инчунин муайян кардани сарҳад дар маҳалҳо (демаркация). А. с. территорияи обии давлатҳои соҳилиро аз баҳри кушод ҷудо мекунад. Сарҳадҳои обии мувофиқи қонуни давлатҳои соҳилӣ (бараш — аз 3 то 12 миль) муқаррар мешаванд. Баландии вертикалие, ки аз сарҳади хушкӣ ва обӣ мегузарад, сарҳади фазоӣ ва зеризаминии давлат ҳисоб меёбад. А. с., ки дар маҳалҳо нишонаҳои махсус дорад, (сутунҳои сарҳадӣ, пирамидаҳо ва ғ.), дахлнопазир аст.

АЛОМАТҲОИ АСТРОНОМӢ, ишораҳои шартии Офтоб, Моҳ, сайёраҳо ва диг. ҷирмҳои осмонӣ, инчунин бурҷҳои эҳдоқ, конфигурацияҳои ғайёраҳо, фазаҳои Моҳ ва ғ., ки дар адабиёти доир ба астрономия ва таквимҳо ба сифати суратҳои рамзӣ истифода мешаванд. Аксари аломатҳои астрономӣ дар давраҳои қадим ба вуҷуд омадаанд.

Аломати ҷирмҳои осмонӣ

☉ — Офтоб	♁ ё	♅ — Уран	
☾ — Моҳ	♆ ё	♆ — Нептун	
♂ — Миррих		♇ — Плутон	
☿ — Аторуд	♁ ё	⊕ — Замин	
⚳ — Муштарӣ		☄ — комета	
♀ — Зӯҳра		⊛ — ситора	
♄ — Зуҳал			

Абӯрайҳони Беруниӣ дар «Китоб ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим» («Китоб доир ба фаҳмондани аввали санъати илми нуҷум») барои ишорати Офтоб, Моҳ ва сайёраҳо аломатҳои зеринро истифода кардааст.

♄ — Зуҳал
⚳ — Муштарӣ
♂ — Миррих
☉ — Офтоб
♀ — Зӯҳра
☿ — Аторуд
☽ — Моҳ

Аломатҳои бурҷҳои дувоздаҳгона

♈ ё — Ҳамал	♎ ё	♎ — Мизон	
♉ ё — Савр	♏ ё	♏ — Акраб	
♊ ё — Ҷавзо	♐ ё	♐ — Каус	
♋ ё — Саратон	♑ ё	♑ — Ҷадӣ	
♌ ё — Асад	♒ ё	♒ — Далв	
♍ ё — Сунбула	♓ ё	♓ — Ҳут	

Аломатҳои вазъи ҷирм

☌ — қирон
☍ — мукобала
□ — квадратура
☊ — гиреҳи фарозӣ мадор
☋ — гиреҳи нишеби мадор

АЛОМАТҲОИ ГЕОДЕЗӢ, иншооти рӯизаминӣ ва таҷҳизоти зеризаминӣ, ки барои дар ягон маҳал ҳам устувор ва ҳам нишона кардани пунктҳои геодезӣ хизмат мекунанд. Ниг. *Пунктҳои геодезӣ*.

АЛОМАТҲОИ ГЕОЛОГИИ ЗИЛЗИЛА, нишонаҳоеанд, ки аз рӯи онҳо дараҷаи зилзиланокии р-ҳои ҷудогонаи кураи Заминро муайян мекунанд. Кӯҳҳои навбуньёд, кафидаҳои фаъол, бандҳои дизъюнктивӣ (пайвандгоҳи кафидаҳо), дислокацияи палеосейсмики, градиенти ҳаракатҳои навтарини тектоникӣ ва г. аз муҳимтарин аломатҳои зилзиланокии ҚТҲоянд.

Кӯҳҳои навбуньёд то ба андозае дар бораи хурӯҷи тектоникии ҚТҲои ҷудогонаи қишри Замин шаҳодат медиҳанд. Зилзилаҳои тектоникии пурқиҳдор асосан дар ҳудуди кӯҳҳои нав (мас., Карпат, Крим, Кавказ, Олтой, Саян) ба амал меоянд. Кӯҳҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, кӯҳҳои Тоҷикистон аз ҳамин қабиланд ва серзилзила мебошанд. Пайдоиши кӯҳҳо бо пайдо шудани чину кафидаҳо идома меёбад. Табақоти қишри замин рӯ-рӯи кафидаҳо ғеҷида, зилзила ба вуҷуд меоранд. Кафидаҳо ҳар қадар дарозу чуқур бошанд, зилзила ҳамон андоза шадидтар хоҳад шуд. Махсусан кафидаҳои чуқур сабабгори зилзилаҳои харобиовар мегарданд. Дар натиҷаи ҳаракатҳои тектоникӣ дар муҳити ҷинсҳои сахт кафидаҳо бештар инкишоф ёфта, чиноҳо камтар пайдо мешаванд. Дар чунин мавридҳо зилзила якбора хурӯҷ мекунад.

Эҳтимолияти зилзилаҳои сахт дар бандҳои дизъюнктивӣ, яъне дар пайвандгоҳи кафидаҳои қишри замин бештар аст. Чунин пайвандгоҳҳо аз ҷоҳои сустшудаи қишрҳои Замин иборат мебошанд ва маҳз ҳамин бандҳо манбаи зилзилаҳои харобиовар мегарданд.

Дислокацияҳои палеосейсмикӣ осори зилзилаҳои қадимианд, ки аз дараҷаи зилзиланокии ноҳияи муайян шаҳодат медиҳанд. Осори зилзилаҳои қадимаро бо зилзилаҳои нав муқоиса карда, шиддати зилзилаҳои давраи қадимро муайян ва шиддати зилзилаҳои ояндаро пешгӯй кардан мумкин аст.

Градиенти уфуқии ҳаракати тектоникии амудӣ бо хурӯҷи сейсмикӣ мутаносиби рост аст. Ин хосияти уида набуда, танҳо ба баъзе р-ҳо, мас., ба р-ни Ғарм хос будани онро М. В. Ғзовский ва В. Н. Крестников (1958) нишон додаанд. Ҳамаи А. г. з.-и номбаршуда дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон татбиқи худро ёфтанд. Ташаккули рельефи ҳозираи кӯҳҳои Тоҷикистон қариб 30 млн сол пеш оғоз ёфта буд, ки ҳоло ҳам давом дорад. Минтақаи кафидаҳои азими қишри замин зонаҳои фаъоли сейсмикиро ташкил медиҳанд. Кафидаи зонаи Ҳисори Ҷанубӣ, ки қаторкӯҳҳои Ҳисору Олойро аз пастхамии (депрессияи) ҷануби Тоҷикистон ҷудо мекунад, дар ин бобат ҷолиби диққат аст. Маҳз дар минтақаҳои номбурда зилзилаҳои шадиди Қаратоғ (1907), Ҳоит (1949) ба амал омаданд. Чунин кафидаҳо дар Помир, Дарвоз ва мавзеъҳои диг. Тоҷикистон низ мавҷуданд.

Омӯхтани хусусиятҳои инкишофи геологии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ҷой ва шиддатнокии зилзила пешгӯй карда шавад. Дар Тоҷикистон Ин-ти геология, Ин-ти сейсмология ва соҳтмони зилзилабардори АФ республика доир ба А. г. з. таҳқиқот мебаранд. *А. Бобоев.*

АЛОМАТҲОИ МАТЕМАТИКӢ, ишораҳои шартии мафҳум, ибора ва ҳисобкуниҳои математикӣ. Пайдоиши ишоратҳои математикӣ бо инки-

Ҷадвали аломатҳои асосии математикӣ

Аломат	Мазмун	Муаллиф	Санаи ба илм дохил шудан
	Аломати объектҳои ҷудогона		
∞	беинтиҳой	Ҷ. Валлис	1655
e	асоси логарифмҳои натуралӣ	Л. Эйлер	1736
π	нисбати дарозии давра ба диаметр	У. Ҷонс	1706
		Л. Эйлер	1736
i	решаи квадратӣ аз — 1	Л. Эйлер	1777
$i\ j\ k$	векторҳои воҳидӣ, ортҳо	У. Гамильтон	1853
	Аломати объектҳои тағьирёбанда		
x, y, z	бузургиҳои тағьирёбанда ё номаълум	Р. Декарт	1637
$\vec{r}$	вектор	О. Коши	1853
	Аломати амалҳои ҷудогона		
$+$	ҷамъ	математикҳои немис	охири а. 15
$-$	тарҳ		
$\times$	зарб	У. Оутред	1631
$\cdot$	зарб	Г. Лейбниц	1698
$:$	тақсим	Г. Лейбниц	1684
$a^2, a^3, \ldots, a^n$	дарачаҳо	Р. Декарт	1637
		И. Ньютон	1676
$\sqrt{\ }, \sqrt[3]{\ }, \ldots$	решаҳо	К. Рудольф	1525
		А. Жирар	1629
Log, log	логарифм	И. Кеплер	1624
sin	синус	Б. Кавальери	1632
cos	косинус	Л. Эйлер	1748
tg	тангенс	Л. Эйлер	1753
arcsin	арксинус	Ж. Лагранж	1772
$dx, ddx, \ldots$; $d^2x, d^3x, \ldots$	дифференциал	Г. Лейбниц	1675
$\int y dx$	интеграл	Г. Лейбниц	1675
$\frac{d}{dx}$	ҳосила	Г. Лейбниц	1675
$f'(x)$, y'	ҳосила	Ж. Лагранж	1770
Δx	фарқ	Л. Эйлер	1755
$\frac{\partial}{\partial x}$	ҳосилаи хусусӣ	А. Лежандр	1786
$\int_a^b f(x)\,dx$	интеграли муайян	Ж. Фурье	1819
Σ	сумма	Л. Эйлер	1755
Π	ҳосили зарб (маҳсулот)	К. Гаусс	1812
$!$	факториал	К. Крамп	1808
$\lvert x \rvert$	модул	К. Вейерштрасс	1841
$\lim_{n \to \infty}$	ҳудуд	С. Люилье	1786
		У. Гамильтон ва диг.	1853 ибтидои а. 20
ζ	дзетафункция	Б. Риман	1857
Γ	гаммафункция	А. Лежандр	1808
B	бетафункция	Ж. Бине	1839
Δ	дельта (оператори Лаплас)	Р. Мерфи	1833
	Аломати амалҳои тағьирёбанда		
$\varphi(x)$, $f(x)$	функция	И. Бернулли	1718
		Л. Эйлер	1734
	Аломати нисбатҳои ҷудогона		
$=$	барабарӣ	Р. Рекорд	1557
$>$	калон	Т. Гаррмот	1631
$<$	хурд		
$\sim$	нисбат	К. Гаусс	1801
$\parallel$	параллели	У. Оутред	1677
$\perp$	перпендикуляри	П. Эригон	1634

шоҳи мафҳумҳои математика зич алоқаманд аст. Нахустин А. м. рақамҳо будаанд. Аввалин аломатҳои ҳарфи дар рисолаҳои олими Юнони Қадим Диофант вомехуранд. Символикаи алгебраии ҳозирамон дар а. 15—17 ба вуҷуд омад. Пиқашҳо ва такмили А. м. ба пайдоиши соҳаҳои нави математика (*Ҳисоби операционӣ, Ҳисоби вариационӣ, Ҳисоби тензорӣ*) ва мантиқи математики мусоидат кард. Аломатҳои асосии математикӣ дар ҷадвал оварда шудаанд.

С. Н. Мухторов.

АЛОМАТҲОИ РОҲ, нишонаҳои андозаву рангашон гуногун, ки дар роҳҳои автомобиль ва кӯчаҳо гузошта мешаванд. Воситаи муҳими тартиби ҳаракат буда, ронандаю пиёдагонро аз қитъаҳои хатарноки роҳ огоҳ менамояд, ҳаракати нақлиёту пиёдагонро ба тартиб меоварад. Дар СССР аввалин А. р. с. 1927 мураттаб шудаанд. С. 1933 миқдори онҳо ба 22, с. 1953 ба 39, с. 1960 ба 55 расид. Аз 1 янв. 1973 мувофиқи ГОСТ-и 10807—71 126 аломатҳои гуногун ва ҷадвалҳо ба амалия ҷорӣ шуданд. Ин ГОСТ, ки мувофиқи талаботи Конвенция дар бораи аломат ва ишоратҳои роҳ (1968, Вена) ва Созишномаи Европой (1971, Женева) тартиб дода шудааст, шакл, андоза, ранг, тасвир, вазифа ва ҷои гузоштани А. р.-ро муқаррар мекунад. 5 гурӯҳи А. р. мавҷуд аст: огоҳӣ, манъ, амр, ишорат ва воситаҳои иловагии ахбор. Ҳар яки ин аломатҳо рақами тартибӣ (индекс) дорад, ки аз ду адад иборат аст. Адади якуми зери аломат гурӯҳ, адади дуюми он рақами тартибии аломатро дар ин гурӯҳ нишон медиҳад.

Аломатҳои о г о ҳ и аз секунҷаи баробартарафи зард, аломатҳои м а н ъ аз доираҳои зард, аломатҳои а м р аз доираҳои кабуд, аломатҳои и ш о р а т аз росткунҷаҳои кабуд, в о с и т а ҳ о и и л о в а г и и а х б о р аз квадрат ё росткунҷаҳои ҳарранга иборатанд.

Аломатҳои огоҳиро аз қадим дар пайраҳаҳои кӯҳистони тоҷик ба кор мебурданд. Мас., дар соҳилҳои пурхатари д-ҳои Яғнобу Фон ва Панҷ дар рӯи харсангҳо чунин катибаҳо ҷой доштаанд: «Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок, бар сари мижгон чу ашк истодай, хушьёр бош!» ва ғ. Дар Тоҷикистон аз аломатҳои нав, алалхусус, индексҳои 1. 11 а, 1. 11 б, 1. 12, 1. 13, 1. 22 а, 1. 22 б, 1. 23 бештар татбиқ мешаванд. Ғайр аз ин, дар роҳҳои республика аломатҳои ишорат ва воситаҳои иловагии ахборро, ки матни русӣ доранд, бо навиштаҷоти тоҷикии онҳо низ мегузоранд.

Тасвирро нег. дар саҳ. 128—129.

В. А. Озеров.

АЛОМАТҲОИ ШОҲМОТ, системаи сабт ва ишороти хаттии рафти бозии шоҳмот ё вазъияти муайяни ин бозӣ дар рӯи *ватъ*. Якчанд навъи А. ш. вуҷуд дорад. Машҳуртарини онҳо: аломатҳои рақами, аломатҳои тафсирӣ, коди Удеман, аломатҳои алгебрӣ.

А л о м а т ҳ о и а л г е б р и и шоҳмот дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар СССР маъмул аст, ки онро шоҳмотбози сурьёни Стамма Филипп (аз Ҳалаб) дар миёнаҳои а. 18 ихтироъ намуд ва М. Гиршель дар с. 1784 такмил дод. Дар ин навъи А. ш. тахтаи шоҳмот дар арз бо ҳашт ҳарфи лотинӣ аз «а» то «h»

ва дар тӯл бо рақамҳои арабӣ аз «1» то «8» ишора шудааст:

8	a8	b8	c8	d8	e8	f8	g8	h8
7	a7	b7	c7	d7	e7	f7	g7	h7
6	a6	b6	c6	d6	e6	f6	g6	h6
5	a5	b5	c5	d5	e5	f5	g5	h5
4	a4	b4	c4	d4	e4	f4	g4	h4
3	a3	b3	c3	d3	e3	f3	g3	h3
2	a2	b2	c2	d2	e2	f2	g2	h2
1	a1	b1	c1	d1	e1	f1	g1	h1
	a	b	c	d	e	f	g	h

Дар диаграмма ҳама вақт ҳаракати мӯҳраҳои сафед аз поён ба боло ва мӯҳраҳои сиёҳ аз боло ба поён аст. Мӯҳраҳои шоҳмот аломатҳои ба худ хос доранд. Чунин аст номи мӯҳраҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва аломати онҳо:

Аломати суварӣ	Тоҷикӣ		Русӣ		Англисӣ	
	Номи мӯҳра	аломати хаттӣ	номи мӯҳра	аломати хаттӣ	номи мӯҳра	аломати хаттӣ
♔ ♚	Шоҳ	Ш	Король	КР	King	К
♕ ♛	Фарзин	Ф	Ферзь	Ф	Queen	Q
♖ ♜	Рух	Р	Ладья	Л	Rook	R
♘ ♞	Асп	А	Конь	К	Knight	Kn
♗ ♝	Фил	Фл	Слон	С	Bislor	B
♙ ♟	пиёда	п	пешка	п	Pawn	P

Аломати пиёда (п) дар мансуба ё ҳангоми нишон додани ягон вазъияти бозӣ гузошта шуда, вале дар вақти сабти ҷараёни бозӣ гузошта намешавад. Дар аксар мамлакатҳои дунёё чунин А. ш. қабул шудаанд: О-О (қалъагирии кӯтоҳ), О-О-О (қалъагирии дароз), : (задан ё куштани мӯҳра), + (шоҳ, киш гуфтан), + + (кишти дутарафа, киши аро), × (мот), ! (бозӣ ё дови хуб), !! (бозии бисьёр хуб), ? (бозии суст), ?? (бозии бисьёр суст ё хатои дагал), !? (бозие, ки барои ҳариф хатарнок аст, вале дар сурати мудофиаи дуруст ба ӯ манфиат меоварад), ~ (ҳар дов, ҳар бозӣ, ки бошад), ± (сафедҳо хеле бартарӣ доранд), ∓ (сафедҳо андак бартарӣ доранд), = (вазъияти тарафайн тақрибан баробар аст), ∓ (сиёҳҳо хеле бартарӣ доранд), ∓ (сиёҳҳо андак бартарӣ доранд). Ғайр аз ин, агар пеш аз рақам аломати + ояд, бурдро, — бохтро ва = қоиморо (дурангро) мефаҳмонад. Мас., =2, —1, =3, яъне

касе ду бозиро бурда, якторо бохта, се бозиро қоим кардааст. Ҳангоми сабти ҷараёни бозӣ рақами тартибии гаштҳо гузошта мешавад, ҳар мӯҳраронии сафед ва ҷавоби сиёҳҳо як дов (ё гашт) ба шумор меравад. Агар пиёда мӯҳраеро занад, аломати задан (:) гузошта намешавад. Ду тарзи сабти ҷараёни бозӣ бо А. ш. вуҷуд дорад: сабти муфассал ва сабти мухтасар. Дар сабти муфассал аз кадом хона ба кадом хона ҳаракат кардани ҳар мӯҳра навишта мешавад, дар сабти мухтасар фақат ба кадом хона ҳаракат кардани он мӯҳра нишон дода мешавад. Чунончи 1. e2—e4, e7—e5, 2. Ag1—f3. Ab8—Ac6. Тарзи мухтасари ҳамин сабт: 1. e4 e5, 2. Af3 Ac6. Агар сухан дар бораи ягон дови мӯҳраҳои сиёҳ равад, пас аз рақами тартибии гашт ба ҷои бозии сафедҳо се нуқта гузошта мешавад, мас., 1. ... e5. Пиёда, ки ба хонаи охирин расид, ба ғайр аз шоҳ ба ҳар мӯҳраи диг. табдил ёфта метавонад, ки инро иртиқо меноманд. Дар сурати иртиқо номи мӯҳраи нав зикр мешавад, мас.: 37 ... g2—g1Ф. Агар ду мӯҳраи ҳамном ба як хона ҳаракат карда тавонад, он гоҳ ишораи иловагии ҳарфӣ ё рақамӣ карда мешавад. Мас., як рух дар хонаи a1 ва дигаре c1 истодааст, ки ҳар дуи онҳо ба хонаи b1 ҳаракат карда метавонанд. Агар рухи хонаи a1-ро ҳаракат додан лозим бошад, Pab1 ва агар рухи хонаи c1-ро ҳаракат додан лозим бошад, Pcb1 навишта мешавад. Аммо як рух дар хонаи a1 ва диг. a3 истодааст ва яке аз онҳоро ба хонаи a2 овардан лозим аст. Он гоҳ P1a2 ё P3a2 навишта мешавад. Барои намуна як бозии хеле мухтасарро меоварем: 1. e4 e5, 2. Af3 Ac6, 3. Флc4 d6, 4. Ac3 Флg4, 5. О-О, Ad4? 6. А : e5! Фл : d1?? 7. Фл: f7 + Шe7, 8. Ad5 × .

Дар баъзе мамлакатҳо. (мас., Югославия) ба ҷои аломати хаттии мӯҳраҳо аломати суварӣ маъмул аст, яъне дар аввали ҳар бозӣ ба ҷои ҳуруфот тасвири мӯҳраро меҷуоранд. Бозии болоро ин тавр менависанд.

1 e4 e5 2 ♘f3 ♘c6 3 ♗c4 d6 4 ♘c3 ♗g4 5 0–0 ♘d4 6 ♘e5 ♗d1 7 ♗f7 + ♔e7 8 ♘d5

Аломатҳои рақамӣ дар мусобиқаҳои мукотибавӣ ба кор бурда мешавад. Ҳар як хонаи шоҳмот бо ду рақам ишора меёбад. Фарқи А. р. аз аломатҳои алгебрии шоҳмот дар он аст, ки ҷои ҳашт ҳуруфи лотиниро ҳам ҳашт рақам мегирад, яъне a бо 1, b бо 2, c бо 3, d бо 4, e бо 5, f бо 6, g бо 7 ва h бо 8 иваз карда мешавад:

18	28	38	48	58	68	78	88
17	27	37	47	57	67	77	87
16	26	36	46	56	66	76	86
15	25	35	45	55	65	75	85
14	24	34	44	54	64	74	84
13	23	33	43	53	63	73	83
12	22	32	42	52	62	72	82
11	21	31	41	51	61	71	81

Сабти ҷараёни бозӣ бо чор рақам ишора мегардад. Ду рақами аввал хонаест, ки мӯҳра дар он менистод ва ду рақами сонӣ хонаест, ки мӯҳра ба он оварда шуд. Ҳангоми иртиқои пиёда дар қавсайн рақами хонаи ибтидоии ҳамон мӯҳрае, ки пиёда ба он табдил ёфтааст, навишта мешавад: Мас., гашти 39. f7—f8 Ф-ро ин тавр менависанд: 39.6768 (41).

Аломатҳои тафсирӣ дар мамлакатҳое, ки забони давлатпаҳшон англисӣ, испанӣ ва португалист, маъмул аст. Ин тарзи сабти бозӣ аслан аз қоидаҳои қадимии шатранҷбозии форсу тоҷик омадаст, аммо бо андак тағьирот ва истифодаи аломатҳои мухтасари мӯҳраҳо. Қоидаи ин сабт он аст, ки ҳар як хонаи натъ ному координат дошта, ҷараёни бозӣ ба тафсир, яъне бо сухан баён мегардад; намунаи онро ниг. дар қисми таърихи А. ш.

Коди Удеман дар мусобиқаҳои телеграфӣ ва радиоӣ ба кор

ma	na	pa	ra	sa	ta	wa	za
me	ne	pe	re	se	te	we	ze
mi	ni	pi	ri	si	ti	wi	zi
mo	no	po	ro	so	to	wo	zo
bo	co	do	fo	go	ho	ko	lo
bi	ci	di	fi	gi	hi	ki	li
be	ce	de	fe	ge	he	ke	le
ba	ca	da	fa	ga	ha	ka	la

бурда мешавад. Ихтирои шоҳмотбози америкой Удеман. Мувофиқи К. У. ҳар хонаи нагъ бо ду ҳарф, яке ҳамсадо ва диг. садонок ишора мегардад.

Таърихи А. ш. аввалин намунаи сабти ҷараёни бозии шоҳмот дар «Вигорашни Чатранг», ки «Мотиконе Чатранг» ҳам мегўянд, дида мешавад; ин китоб ба забони паҳлавии сосонӣ (а. 6) буда, дар охири он дастур ва гузорише аз қоидаҳои шоҳмот ва тарзи ҳаракати мўҳраҳо дода шудааст. Ашкол ва сабти вазъи бозӣ дар бисьёр китобҳо, аз ҷумла дар «Қобуснома», «Нафоис-ул-фунун», «Китоб-уш-шатранҷ»-и Сулӣ Абўбакр Муҳаммад ибни Яҳьё, «Мансубот-уш-шатранҷ»-и Лаҷҷоҷ Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ, «Китоби шатранҷ»-и Абулфатҳ ибни Аҳмади Сиҷзӣ зикр ёфтааст. Тарзҳои гуногуни сабти ҷараёни бозӣ ва ашколи он вуҷуд дорад. Маъмултарини онҳо, ки дар бештари рисолаҳои шатранҷ дучор мекунем ва то ҳол бо номи аломатҳои тафсирӣ дар баъзе мамлакатҳои Европа, Мугулистон ва г. боқӣ мондааст, ба ин тариқ аст: Тахтаи шоҳмот (арса) аз миёна ба таври уфуқӣ (горизонталӣ) ба ду майдон: майдони худ ва майдони ҳариф тақсим шудааст. Хонаҳои ҳар сутун ба тарзи амудӣ (вертикалӣ) аз ҳар ду тараф то миёнаи тахта рақами аз 1 то 4 дошта, ба номи ҳамон мўҳрае, ки аз ҳар ду сари сутун қарор гирифтаанд, марбутанд. Мас. a1-ро хонаи рухи чапи хеш (ё сафед), a2-ро дуюми рух, a3-ро сеюми рух, a4-ро чаҳоруми рухи чапи хеш, a5-ро чаҳоруми рухи рости сиёҳ, a6-ро сеюми рухи сиёҳ, a7-ро дуюми рухи сиёҳ ва a8-ро хонаи рухи сиёҳ меномиданд. Ба ҳамин тариқ, b1 хонаи аспи чапи хеш, c1 хонаи фили чапи хеш, d1 хонаи фарзини хеш, e1 хонаи шоҳи хеш, f1 хонаи фили рости хеш, g1 хонаи аспи хеш ва h1 хонаи рухи рости хеш ном дошт. Ҳангоми сабти бозӣ, чое, ки возеҳ ва равшан аст, то ҳадди имкон мухтасар навишта шуда, калимаҳои «хона», «чап», «рост», «хеш», «сафед» ва «сиёҳ» партофта мешуданд (сеюми асп, дуюми рух). Нег. низ *Мансуба*.

Ад.: Ботвинник М. Советская шахматная школа. М., 1951. Гижицки Е. С шахматами через века и страны. Варшава, 1964.

И. Раҳматов.

АЛОМАТҲОИ ЧИНСӢ, маҷмўи аломатҳое, ки аз рўи онҳо ҷинси нару модаро аз ҳам фарқ мекунанд. Нег. Ҷинс.

АЛОПЎЧОҚ, навъи харбузаи тирамоҳӣ. Бештар дар Зафаробод, Ўротеппа, Мастчоҳ ва вил. Тошкент кошта мешавад. Баъди 95—100 рўзи кишт мепазад. Аз ҳар га 250—300 ц ҳосил медиҳад. Ҳосилаш тухмшакли нуқбориқ, ҳаҷмаш 28—35 см, вазнаш 4—6 кг. Пусташ сахт, турҷор,



зард, раҳҳояш сабзи баланд. Ғафсии магзаш 5—6 см, сероби ширин, рангаш сабзи кушод, то 10% қанд дорад. Нег. низ *Харбуза*.

АЛОУДДАВЛАИ СИМНОНӢ علاءالدولة سمنانی Абулмакорим Рукнуддини Биёнагӣ, (1243, Симнон, Рай — 1337, Симнон); мутафаккири мутасаввифи форс-тоҷик. То 15-солагӣ илму ҳунар омўхта, чандин сол дар хидмати сулолаи Арғун буд. Баъди аз корҳои давлатӣ дур шудан ба Бағдод сафар кард. Поёни умраш дар зодгоҳаш гузаштааст. А. С. аз худ мероси зиёде боқӣ мондааст. «Сирр-ул-бол фи атвори сулуки аҳл-ил-ҳол» («Сирри хусусияти ҳолоти сўфиён») «Урвату аҳл-ил-хилва ва-л-ҷилва» («Маҳфили сўфиён ва ҷилваи афкори онҳо»), «Рисолаи мифтоҳ», «Ҳавошӣ бар футуҳоти шайх Муҳиддин ибни Арабӣ», «Рисолату муваззеҳи мақосид-ил-мухлисин ва муфзиҳи ақоиди муддаин» («Рисолаи ошкоркунандаи мақсади мухлисон ва муддаиён»). Дар ин асарҳояш ў аслан ҳамчун инкоркунандаи таълимоти *ваҳдати вуҷуди* Ибни Арабӣ баромад карда, ба ҷои он таълимоти *ваҳдати шуҳудро* пешниҳод намудааст. Таълимоти тасаввуфии А. С. аз унсурҳои прогрессивӣ орист. Дар охири умри худ А. С. нақшбандияро ихтиёр намудааст.

А. Муҳаммадҳоҷаев.

АЛОУДДИН МУФТИИ БУХОРОӢ علاءالدین مفتیء بخارائی (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳуқуқшинос ва муаррихи а. 13 форс-тоҷик. А. М. Б. дар муҳити илмии Бухоро ба камол расидааст. Мероси илмии ў «Ҳайрат-ул-фуқаҳо ва ҳаҷлат ул-фузало» («Ҳайрати фақеҳон ва ҳиҷолати фозилон») (1296, Бухоро) ва «Аъзо» (соли таълифаш номаълум) мебошанд, ки асари аввал рочеъ ба масъалаҳои мухталифи ҳуқуқшиносӣ аст. А. М. Б. яке аз аввалин олимонест, ки шариати ислом ва шарҳу мисолҳои онро ба забони тоҷики навиштааст. Ў бо ин мақсад асарҳои бисьёри ҳуқуқшиносии исломро, ки ба забонҳои арабӣ ва форсию тоҷикӣ навишта шудаанд, мутолиа карда, беш аз 250 масъалаи ақоиди шариатро бо далелҳо шарҳу эзоҳ медиҳад. Муаллиф масъалаҳоро ба тариқи саволу ҷавоб баён мекунад. «Аъзо» давом ва такмили китоби аввал аст. А. М. Б. дар асарҳои зикршуда кўшидааст, ки доираи нуфузи исломро дар Осиёи Миёна васеътар ва мавқеи онро пойдор гардонад.

Ҳарчанд ки А. М. Б. аз доираи шариати ислом берун набаромадааст, бо вуҷуди он мероси ў дар илми ҳуқуқшиносии форс-тоҷик барои омўхтани ахлоқи ҷамъиятии он замон аҳамияти таърихӣ дорад.

У. Назиров.

АЛОУДДИН ШАМСУЛИСЛОМ علاءالدین شمس الاسلام (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳуқуқшинос, забоншинос ва фақеҳи а. 12 форс-тоҷик. Дар доираи илмии Самарқанд ба камол расида, барои такмили дониш ба мамлакатҳои шарқи араб сафар кардааст. Қариб ҳамаи илмҳои замонаашро меомўзад. Вале диққати ўро асосан ҳуқуқшиносӣ, шарҳи ақоиди динӣ, баъзе тафовутҳои ислом аз динҳои диг. ҷалб мекунад. А. Ш. шогирд ва пайрави таълимоти олимони машҳури араб ал-Макхумӣ (ваф. 1114) ва ал-Баздавӣ (ваф. 1089) мебошад. Оид ба илми фиқҳ «Китоб-ут-тўҳфат-ул-фуқаҳо» («Китоби тўҳфаи фақеҳон») ва «Мухталиф-ур-ривоя» («Ривоятҳои мухталиф»)-ро таълиф намудааст. А. Ш. дар асарҳои худ масъалаҳои ҳуқуқро ба тариқи баҳсу мунозира ҳал намуда, аз натиҷаи он хулоса ва ҳукм мебарорад. Абдулқодири Масъуди Кошонӣ оид ба методологияи ҳуқуқшиносии ў «Мизон-ул-усул фи-натоиҷ-ил-уқул» («Мизони санҷиши натиҷаи ақлҳо») (1145) ном рисола навишта, таълимоти ҳуқуқшиносии ўро шарҳ медиҳад. Рисолаҳои А. Ш. барои тадқиқу таҳқиқи аҳкоми дину шариати ислом аҳамият доранд.

У. Назиров.

АЛОУДДИНИ ҚУШЧӢ Алӣ ибни Муҳаммад علاءالدین قوشچی (1402, Самарқанд — 1474, Истанбул), астроном, олим ва мутафаккири помии мактаби илмии Самарқанд, шогирди *Қозизодаи Румӣ*, *Ҷамшеди Кошонӣ* ва *Улуғбек*. Дар расадхонаи Самарқанд (аз с. 1428) мушоҳидаҳои илмӣ бурд. Дар таълифи «Зичи ҷадиди Кўрагонӣ» саҳми калон дорад. Баъд аз таназзули мактаби илмии Самарқанд, ў осори илмии олимони ин расадхонаро ба Хуросон мебарад. Баъди вафоти Шоҳрух (1447) ба Кирмон меояд ва он ҷо то с. 1464 мемонад. Дар Кирмон ба дарбор даъват мешавад, дар мадраса низ аз нуҷум ва риёзиёт дарс мегўяд. А. Қ. дар Эрон мактаби илмӣ ташкил дода, анъанаҳои мактаби илмии Самарқандро давом медиҳад. Дар Эрону Туркия Мариами Чалаби (ваф. с. 1525), Ҳусайни Бирҷандӣ (ваф. с. 1528), Абдулқодири Рўёнӣ (ваф. с. 1520), Лутфӣ (ваф. с. 1497) барои шогирдони ў то ба дарачаи уламои даврон мерасанд. Узун Ҳасани Оққуюнлу баъди ба Табриз кўчондани пойтахти мамлакат (1465) А. Қ.-ро ба сифати сафири мухтор ба Истамбул, ба дарбори султон Муҳамма-

ди II мефиристад. Дар он ҷо А. Қ. «Китоб-ул-Муҳаммадия» ном рисола таълиф кард (1473) ва дар асоси қазия (теорема)-ҳои ҳандасӣ (геометрӣ) «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ»-ро шарҳ дод.

Ҳиссаи А. Қ. дар инкишофи математика ва астрономияи а. 15—17-и Осиёи Миёна калон аст. Бори нахуст ба алгебра мафҳуми а д а д и м а н ф и р о дохил кард, назарияи функцияҳои тригонометриро инкишоф ва аввалин шуда ҷадвали бисьёрраҷаман функцияҳои тригонометриро тартиб дод. А. Қ. бузургии майли эклиптика (майли минтақатулбуруҷ), тағйири солонаи авҷи Офтоб, прецессияи солона, координатаҳои ситорагонро саҳеҳ ҳисоб кардааст. Вай тағйири фаслҳои солро натиҷаи ба Офтоб наздик ва аз он дур шудани Замин медонист. А. Қ. дар рисолаҳои худ ақидаҳои илмии *Абулвафои Бузҷонӣ* ва Ҷамшеди Кошониро давом додааст.

Аз осори А. Қ. ба забонҳои форсӣ ва арабӣ 23 рисола доир ба астрономияю математика, мантиқу фалсафа, тиббу адабиёт боқӣ мондааст. Онҳо дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла «Рисолаи ҳисоб» (1425) дар Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ, «Рисолаи каср» (1425) ва «Рисолаи Фатҳия» (1473) дар китобхонаи ба номи М. Е. Салтыков-Щедрин (Ленинград), «Ҳайати форсӣ» дар китобхонаи Ин-ти шарқшиносии Тошкент, «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» дар китобхонаи Теҳрон, «Рисолаи истиорот», ки ба забони арабӣ таълиф шудааст, дар китобхонаи Ун-ти Лейден (Нидерланд) маҳфузанд.

Ад.: К а р ы-Н и я з о в Т. Н. Астрономическая школа Улуг-бека. М.-Л., 1950.

Г. Собиров.

АЛОҶА, матоъ ресмонӣ ва нимабрешимӣ, ки дар Осиёи Миёна маъмул аст. Навъҳои А. бо номҳои зебак, фарангӣ, абрешимин маълуманд. А.-е, ки тору пудаш аз ресмони ҷойдорӣ бошад — зебак, аз ресмони аврупоӣ бошад — фарангӣ, аз абрешиму ресмон бошад — абрешимин номида мешуд. Инчунин навъҳои сурхалоча, сиёҳалоча маълуманд. А. матоест рахдор, рангоранг, бо нақшу нигори мураккаб ва майда. Нақши А. аз рахҳои ҳарранги кабуд, сабз, сиёҳ, сурх ва зард иборат аст. Нақшҳо «миттӣ», «мушку заъфар», «байрақ» ном доранд. Тори А.-и дубанда аз 400 нах иборат буда, бараш қариб 40 см аст. Пудашро аз ресмони кабуд, сиёҳ, баъзан сабз тайёр мекунанд. Ҳоло аз А. ҷомаҳои мардона ва занона медӯзанд.

Тасвирро нг. дар саҳ. 96—97.

Н. Турсунов.

АЛОҚА (ар. علاقة вобастагӣ, пайвастагӣ), қабул ва ирсоли ахбор бо воситаҳои гуногун; яке аз соҳаҳои истеҳсолоти моддист, ки ирсоли ахбороти почтагӣ, телеграфӣ, телефонӣ ва ғ.-ро таъмин мекунад. А. дар х. х., идораи давлат, қувваҳои мусаллаҳ ва нақлиёт, инчунин барои қонеъ гардондани талаботи маданӣ ва маишии аҳолӣ аҳамияти калон дорад.

Дар замонҳои қадим қосидон (пиёдаву савора) ахборро даҳонӣ мерасонданд ё барои додугирифти ахбор аз сигналҳои шартӣ — гулхану машъалҳо истифода мебурданд. Баъди пайдо шудани хат почта ба вуҷуд омад, ки дар давраи ғуломдорию феодалӣ воситаи ягона буд. Пайдоиши воситаҳои техникии нақлиёт (автомобиль, паровоз, пароход, самолёт) боиси тараққиёти А. гашт. Олими рус П. Л. Шиллинг ба телеграфи электрӣ буньёд гузошт (1832). Ихтироъкори америкоӣ С. Морзе аппарати телеграфи электромагнитӣ сохт (1837).

А. пайваста бо телеграф вусъат ёфт Телеграмма аввалҳо бо ишоратҳои шартии алифбои Морзе дода мешуд. Баъдтар системаҳои гуногуни

Яке аз шӯъбаҳои алоқаи ш. Душанбе.

аппаратҳои чопии телеграф ба вуҷуд омад. С. 1876 А. Г. Белл (ШМА) телефонро ихтироъ кард. Олими рус А. С. Попов радиоалоқаро воқеӣ гардонд, ки ин давраи нави инкишофи А. буд. Минбаъд техника ва воситаҳои А. такмил ёфтанд. Бо ёрии фототелеграф ирсоли нусхаи ҳуҷҷатҳо, нақшаву суратҳо имконпазир гардид. Телевизион, ки дар соҳаҳои гуногуни х. х. васеъ татбиқ ёфтааст, комьёбии беназири техникаи муосир мебошад.

Нахустин хати А.-и почтагӣ дар Тоҷикистон с. 1866 байни Хуҷанду Тошкент ба кор даромад. С. 1867 дар байни Хуҷанду Нов, Ӯротеппа ва Зомину Ҷиззах алоқаи почтагӣ сар шуд; охири с. 1868 хати алоқа то Самарқанд расид. То Революцияи Октябрь аҳолии уезди Хуҷанд қариб 160 нусха газета ва 86 нусха журнал мегирифт. С. 1913 дарозии хати алоқаи почтагӣ дар идораи почтаву телеграфи Хуҷанд 100 км-ро ташкил дод, ки ба он асосан нақлиёти саворӣ (асп, хар, шутур) хизмат мерасонд. Аввалин А.-и телеграфӣ дар Тоҷикистон с. 1875 байни Хуҷанду Тошкент сар шуд. Почта ва телеграф асосан ба ҳарбиёни рус ва амалдорони маҳаллӣ хизмат мерасонд.

Амир, беку амлокдорон барои расондани амру фармон нӯкарони махсус доштанд. Аҳолии Бухорои Шарқӣ умуман аз хизмати А. маҳрум буд. Воситаҳои А. дар Тоҷикистон фақат баъди ғалабаи Революцияи Октябрь инкишоф ёфт.

А.-и э л е к т р и й аз рӯи тарзи кор симӣ ва бесим (радиоалоқа), аз рӯи тарзи ирсоли ахбор телеграфӣ, телефонӣ, фототелеграфӣ, радиоӣ ва телевизионӣ мешавад. А.-и т е л е г р а ф и й барои ирсоли ахбор дар шакли телеграмма, радиограмма, фототелеграмма ва ғ. сурат мегирад. Бо ёрии телеграф бо пункти дилхоҳи мамлакат ва хорҷа алоқа барқарор кардан мумкин (нг. *Телеграфия*). А.-и т е л е ф о н и й ба гуфтугӯи бевоситаи мусоҳибон бо мавзеъҳои дур имконият медиҳад. А.-и телефонӣ шаҳрӣ, байнишаҳрӣ, дохилирайонӣ ва муассисавӣ мешавад. Намуди махсуси А.-и телефонӣ алоқаи диспетчерист (нг. *Телефон*). Дар Тоҷикистон намуд ва воситаҳои А. дар асоси плани ягонаи давлатӣ инкишоф ёфта, баҳри қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни хоҷагии халқ ва аҳолӣ хизмат мекунад. Воситаҳои асосии А. дар Тоҷикистон дар салоҳияти Вазорати алоқаи республика буда, аз як қатор муассисаҳо: шӯъба ва узелҳои алоқа, почтамт, станцияҳои телефонӣ шаҳрию байнишаҳрӣ, телеграф, радиостанция ва радиоузелҳо иборат аст. С. 1974 миқдори муассисаҳои А.-и почтагӣ дар респ. ба 740, масофаи хати А. ба 32 ҳаз. км расид. Ҳоло додугирифти алоқаи почтагӣ (мактуб, посылка, пулгузаронӣ, газетаю журнал) соле қариб 1 млрд воҳидро ва шумораи газета-

Пульти идоракунӣ дар станцияи марказии таҳвияти радиоузели Душанбе.

ҳои марказӣ, республикавӣ, вилоятӣ ва районӣ, ки обуначиён дар як рӯз мегиранд, 3 млн нусхаро ташкил медиҳад. С. 1940 ба ҳар 1000 нафар аҳолии республика 211 нусха газетаву журнал рост меомад, с. 1976 ин адад аз 1000 нусха бештар гардид. С. 1959 студияи телевизиони Душанбе ба кор даромад. С. 1966 байни Москваю Душанбе А.-и телевизионӣ барқарор гардид. С. 1975 барномаҳои студияи телевизиони Душанбе бори аввал бо телевизиони ранга намоиш дода шуданд. Студияҳои телевизиониии Душанбе, Алмаато, Тошкент ва Фрунзе теез-теез барномаҳои якдигарро намоиш медиҳанд. Ниг. *Алоқаи кайҳонӣ, Алоқаи электрӣ, Алоқаи дурмасофа.* *Ҳ. Кабиров.*

АЛОҚАИ АКС, таъсири баръакси натиҷаи ягон процесс ба рафти он ё ки таъсири процесси идорашаванда ба узви идоракунанда. А. а. системаҳои танзим ва идоракуниро дар табиати зинда, ҷамъият ва техника ифода мекунад. А. а. мусбат ва манфӣ мешавад. Агар таъсири баръакси натиҷаи процесс онро таҚвият диҳад, А. а.-ро мусбат ва агар суст намояд, онро А. а.-и манфӣ меноманд. А. а.-и манфӣ ҷараёни процессро устувор месозад; А. а.-и мусбат бошад, процессро авҷ медиҳад ва боиси ба вуҷуд омадани процессҳои лаппишноки ноустувор мегардад.

А. а. дар системаҳои танзим ва идоракунии автоматӣ алоқаест, ки ба воситаи он информация аз маҳраҷи (баромадгоҳи) система ба самти мадхали (даромадгоҳи) сигнали асосии идоракунӣ, яъне аз объекти идорашавандаи система ба олати идоракунандаи он фиристода мешавад. Информацияи А. а. барои ислоҳи процесси идоракунӣ ва барои ба дараҷаи зарурӣ тағьир додани ҳолати объекти идорашаванда истифода мешавад.



Расми 1. Схемаи системаи алоқаи аксдор
I — канали алоқаи рост, *II* — канали алоқаи акс, *L* — таъсири шароити беруна (халал)

Дар системаҳои А. а.-дор, ки системаҳои сарбаста мебошанд (расми 1) дар бораи бузургии идорашавандаи ҳақиқи ($У_1$) информация аз маҳраҷи объекти идорашаванда (О) ба мадхали олати идоракунанда (Р) фиристода мешавад. Дар ин ҳолат канали А. а. (II) ба вуҷуд меояд (аз ин рӯ, онро алоқаи акс гуфтаанд). Ба мадхали олати идоракунанда ду (ё чанд) информация (бузургӣ): информацияи аввала ($У_1$ — бузургии идорашавандаи матлуб) ва информацияи алоқаи акс ($У_2$) дохил мешавад. Олати идоракунанда ин ду бузургиро муқоиса мекунад ва аз фарқи онҳо [$Z = (У_1 - У_2)$] сигнали идоракунанда (Z) ҳосил карда, ба механизми иҷроия таъсир мерасонад, ки тафовути параметрҳо баробари нуль ё ба он наздик мешавад (мақсад аз танзим ҳам ҳамин аст).

А. а. дар системаҳои идоракунӣ асосӣ ҳудтанзимкунӣ, ҳудмувофиқаткунӣ мебошад. А. а. дар мошинҳо аксар вақт ҳангоми ногаҳон тағьир ёфтани шароити беруна, барои бе тағьир нигоҳ доштани процесси кори мошин, яъне барои аз халалҳои беруна (L) муҳофизат кардани он истифода мешавад. Яке аз қадимтарин механизмҳои ҳудтанзимшаванда, ки ба алоқаи акс соҳиб аст, олати идоракунии кори осиёи обӣ мебошад (схемаи кори осиёи обӣ дар расми 2 оварда шудааст).



Расми 2. Схемаи кори осиёи обӣ:
1 — дӯл; *2* — санги осиё; *3* — новача; *4* — шайтонак; *5* — чархи об; *6* — гӯшаки танзим.

Санги осиё чарх зада ба воситаи шайтонак новачаи дӯлро такон медиҳад. Агар бо ягон сабаб (мас., зиёд шудани об) суръати чархзании санги осиё зиёд шавад, шайтонак мувофиқан новачаро тезтар метаконад ва ба шикофи санги осиё бештар галла мерезонад. Дар натиҷа, қувваи соиши сангҳои осиё афзуда, суръати гардиши он суст мешавад ва ба меъёри аввалаи адади чархзанӣ бармегардад. Мавриди суст шудани чархзании санги осиё шайтонак новачаи дӯлро охистатар метаконад ва резиши галла ба шикофи санг кам мешавад. Мувофиқан қувваи соиш кам шуда, суръати чархзании санги осиё меафзояд ва ба меъёри аввала бармегардад.

Регуляторҳои марказгурез ҳам дар асоси принципҳои А. а. амал мекунанд. Онҳоро дар ҳаман он соҳаҳои техника (хусусан, дар муҳаррикҳо), ки танзими суръати чархзаниро талаб мекунанд, истифода мебаранд. Ба воситаи регулятор (танзима)-ҳо ниҷунии ҳарорат, фишор, суръат, иқтидор, масриф ва диг. параметрҳо ба тавр автоматӣ танзим карда мешаванд.

А. а. дар амалиёти **танзиму идоракунии системаҳои биологӣ** (аз ҳуҷайра то организми том) вуҷуд дорад, ки вай барои як хел нигоҳ доштани муҳиту шароити дохилии организм, дар фаъолияти аппарати генетикӣ, системаҳои эндокринӣ ва асаб ба аҳамияти хос молик аст. Мас., аз зиёд шудани гармии ҳаво масомаҳои пӯсти бадан васеъ гардида, қобилияти гармидиҳиаш меафзояд; ҳангоми хунук шудани ҳаво, баръакс, масомаҳои пӯст танг шуда, гармидиҳии он кам мешавад ва бо чунин А. а. ба танзими ҳарорати бадан кӯмак мерасад. Монанди ҳамин, дар асоси принципи А. а. дар организм дараҷаи муайяни фишори хун, миқдори қанд, гемоглобин, намак, об ва г. нигоҳ дошта мешавад.

А. а. дар **системаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ** низ ҷой дорад. Регулятори ячейкаи системаи иқтисодие, ки маҳсулоти муайян мебарорад, бозор, яъне талабот ба ҳамин маҳсулот мебошад. Тафовути байни талабот ба ашьё ва бузургии идорашавандаи ячейкаи иқтисодӣ (яъне, маҳсулоти ба фурӯш тайёршуда), ки дар натиҷаи А. а. (дар асоси ба истеҳсолот расидани информацияи талаботи бозор) зоҳир мешавад, барои танзими кори ячейкаи иқтисодӣ сигнали идоракунанда мебошад. Мураттаб кор кардани маҷмӯи ячейкаҳои иқтисодӣ, ки соҳаи саноатро ташкил медиҳад, зарурати ба система дохил кардани органи координация ва идоракуниро ба миён мегузорад, ки он дар асоси А. а.-и ячейкаҳои иқтисодӣ бояд амал кунад. Барои идора кардани тамоми саноат боз як зинаи идоракунӣ лозим мешавад, ки он дар асоси А. а. барои соҳаҳои мухталифи саноат бояд меъёрҳо муқаррар намояд.

А. а. дар **соҳаи иҷтимоӣ** барои муайян кардани майли сиёсӣ, маънавӣ, ахлоқи ва г. истифода мешавад, ки он ба воситаи тадқиқоти социологӣ ва пурсиши омма ба амал меояд. Ин алоқа, ки байни ҷамъият ва органҳои ҳукуматӣ ба вуҚӯъ меояд, барои мувофиқи талаботи омма ба роҳ мондани сиёсат, ки минбаъд бо роҳи қонунбарорӣ ва воситаҳои информацияи оммавӣ (нашриёт, кино, радио, телевизион ва г.) иҷро карда мешавад, зарур аст.

Принципи А. а. яке аз мафҳумҳои асосии *кибернетика* мебошад, ки дар ҳама гуна системаҳои кибернетикӣ — системаҳои идоракунии табиати зиндаву ғайризинда (мошин, организмҳои зинда ва ҷамъият) ҷой дорад. Ниг. низ *Танзими автоматӣ.*
А. Ҳочиев.

АЛОҚАИ ДУРМАСОФА, алоқаи телефонӣ-телеграфии байни нуқтаҳои аз ҳам дур (амалан номаҳдуд). Термини А. д. дар техникаи интиқоли



Схемаи радиоалоқаи дурмасофа ба воситаи радифи маснӯи «Молния».

сигналҳои электрӣ (алоқаи симӣ) ба вуҷуд омад; синоними он **алоқаи байнишаҳрӣ** ва антоними он **алоқаи маҳаллӣ** (дохили шаҳр ё район) мебошад. Ба масофаҳои дур интиқол кардани сигналҳои телефону телеграф, фототелеграфу телевизион ва г. бо хатҳои ҳавоӣ, кабелӣ ва радиорелеии алоқа, ки ҳар кадом аз садҳо ва ҳазорҳо каналҳои мустақил иборатанд, ба амал оварда мешавад.

Бо хатҳои кабелии алоқа тамоми қисми европоии СССР, Урал, Сибирь, Шарқи Дур, Осиёи Миёна ва Кавказ ба ҳамдигар алоқаманд шудаанд. Хатҳои радиорелеии алоқа якҷоя бо хатҳои кабелӣ алоқаи байнишаҳрӣ, мубодилаи программаҳои телевизионии байни мамлакатҳоро ба воситаи системаи *интервизион* таъмин мекунанд. Барои алоқа бо пунктҳои ҳазорҳо км дур радифони маснӯи алоқа истифода мешаванд. Мас., радифи маснӯи «Молния» алоқаи телевизионӣ ва алоқаи бисьёрканалии телефонию телеграфии байни Москваю Владивостокро таъмин мекунад. Ниг. низ *Алоқаи кайҳонӣ*, *Хати кабелӣ*.

АЛОҚАИ КАЙҲОНӢ, ирсоли ахбор байни станцияҳои рӯизаминию аппарати пириши кайҳонӣ (АПК); байни ду ё чанде аз станцияҳои рӯизамининӣ бо ёрии АПК; байни ду ё чанд АПК. Дар фосилаи басомадҳои 1—10 ГГц муяссар мегардад. Дурии алоқа то садҳо млн км мерасад. Системаҳои А. к. барои ирсоли ахбори телеметрӣ, телефонӣ, телеграфӣ, телевизионӣ ва ирсоли сигналҳои амру идораи АПК, ченкуниҳои мадорӣ истифода мешаванд. Дар системаи А. к. *радиоалоқа* васеъ истифода мешавад. Системаи А. к. аз системаи алоқаи рӯизамининӣ бо чунин хусусиятҳои асосӣ фарқ мекунад: муттасил (аксар вақт фаврӣ) дигар шуда истодани мавқеи АПК; зарурати донистани координатаҳои лаҳзавии АПК ва ба он нигаронидани антеннаҳои қабулу ирсоли станцияи Замин; муттасил тағйир ёфтани басомади сигналҳои қабул ба сабаби эффекти Доплер; маҳдудияти иқтидори радиопередатчиқҳои АПК; дурии масофаи алоқа ва сустии сигналҳои қабул. Ҳамаи ин барои А. к. сохтани комплекси махсуси аппаратураҳои мураккаброро зарур мегардонад. Аз ин рӯ, системаи А. к. ҳангоми муштарак кор кардани воситаҳои ченкунӣ (системаи ченкуниҳои мадорӣ), маркази ҳисоб ва комплекси идораи АПК вуҷуд дошта метавонад.

Алоқаи Замин — АПК, алоқаи тарафайни байни пункти алоқаи Замину АПК-ро таъмин мекунад. Дар ин ҳолат маълумот аз Замин (З) ба борт (Б)-и АПК (З-Б) ё аз борти АПК ба Замин (Б-З) фиристода мешавад. Бо хати алоқаи З-Б ба АПК сигналҳои амриро доир ба идораи АПК, ченкуниҳои траекторӣ, сигналҳои алоқаи телефонӣ, телеграфӣ ва телевизиониро ба кайҳоннавардон мефиристанд. Хати алоқаи Б-З одатан потенциали энергетикии паст дорад, зеро иқтидори передатчики АПК назар ба иқтидори передатчики станцияи Замин хеле хурд аст. Аммо қисми асосии маълумот маҳз аз хати алоқаи Б-З мегузарад. Бинобар ин, барои қабули ин ахборот дар пункти алоқаи заминӣ антеннаҳои масоҳати муфидашон калон (садҳо м²), барои алоқа бо станцияҳои байнисайёравӣ бошад, антеннаҳои масоҳати муфидашон 2—5 ҳаз. м² ба кор меравад. 12 апр. 1961 ҳангоми парвози мадории кайҳоннавардии советӣ Ю. А. *Гагарин* дар киштии кайҳонии «Восток» байни Замину кайҳоннавард бори нахуст радиоалоқаи тарафайн барқарор гардид. Дар вақти парвози «Восток-2» (авг. 1961) бори аввал тасвири телевизионии кайҳоннавард Г. С. *Титов* ба Замин дода шуд (ниг. *Космовизион*). Дуртарин масофаи радиоалоқаи дутарафа ҳангоми парвози станцияҳои автоматии байнисайёравӣ дастрас гардид. Мас., ҳангоми парвози станцияи автоматии байнисайёравӣ ба Миррих ин масофа то 350 млн км, ба Муштарӣ то 800—900 млн км расид.

Алоқа ба воситаи РМЗ (радифи маснӯи Замин). Алоқа дар байни мавзеъҳои дури Замин одатан бо хатҳои радиорелеии биниши мустақим ба амал оварда мешавад. Чунин хатҳои алоқа аз ду пункт—ретрансляторҳои канорӣ ва якчанд ретрансляторҳои мобайнӣ иборатанд, ки аз ҳам дар масофаи биниши мустақим (50—70 км) воқеъ мегардаанд. Мавриди дар РМЗ гузоштани як ретрансляторҳои мобайнӣ аз мадори баланд бо пунктҳои дуродури Замин алоқа кардан имконпазир мегардад. Радифони маснӯи алоқа (РМА)-ро ҳам дар хатҳои алоҳидаи алоқа ва ҳам дар шабакаи хатҳои радиорелеи барои ирсоли программаҳои телевизион, ахбори бисьёрканалаи телефонию телеграфӣ ва г. истифода бурдан мумкин аст. Мас., системаи «Орбита», ки дар Иттифоқи Советӣ аз с. 1967 амал мекунад, аз РМА ва станцияҳои сершумори рӯизамининӣ иборат мебошад.

Он РМЗ, ки мадори стационарӣ дорад, ҳамеша дар болои ягон нуқтаи интихобшудаи экватор «муаллақ» истода, алоқаи мунтазами байни станцияҳои рӯизаминиро дар арзҳои то 75° бо радиуси то 8000 км (аз нуқтае, ки радиф болои он воқеъ аст) таъмин мекунад. Мас., РМЗ-и «Интелсат» (ШМА) аз ҳамин қабил радифҳост. Ҳамин гуна се РМЗ аз ҳамдигар дар масофаҳои баробар қад-қади экватор воқеъ бошанд, алоқаи байни станцияҳои дилхоҳи рӯизаминиро дар ҳудуди арзҳои нишондодашуда амалӣ мегардонанд. Ҳангоми дуруст интихоб кардани тамоюли мадор ва мавқеи апогей РМЗ қисми бештари шабонарӯз дар доираи биниши мустақим аз мавзеи муайян воқеъ хоҳад буд. Ҳоло бештар чунин радифҳои маснӯи алоқа истифода мешаванд, ки бо ретрансляторҳои фаъол (қабулу ирсолкунанда) чиҳозонида шудаанд. Ин гуна системаҳо интиқоли ахборро якбора бо даҳҳо каналҳои телевизионӣ ва ҳазорҳо каналҳои телефонӣ таъмин мекунанд (мас., радифони маснӯи «Молния», «Интелсат», «Синком»).

Алоқаи байни АПК барои мубодилаи ахбор байни экипажҳои ду ё чанд КК-и дар парвоз буда, инчунин барои алоқаи байни экипажи КК ва кайҳоннавардоне, ки аз киштӣ ба фазои кайҳон баромадаанд, хизмат мекунад. Ин навъи А. к.-ро барои таъмини алоқаи байни ду АПК-и автоматӣ низ истифода мебаранд. Дар ин маврид алоқа байни аппаратҳое барқарор мегардад, ки онҳо нисбат ба якдигар дар доираи биниши мустақим ва масофаҳои на он қадар дур воқеъ бошанд (мас., байни КК-и «Восток-3» ва «Восток-4», «Восток-5» ва «Восток-6»). Аз сабаби дар мадорҳои баланд набудани таъсири атмосфера ва ионосфера, диапазони радиобасомадҳоро озодона интихоб кардан, инчунин воситаҳои оптикии алоқаро истифода бурдан имконпазир мегардад. Аз ин рӯ бо такмили минбаъдаи генераторҳои оптикии квантӣ (лазерҳо) *алоқаи оптикӣ* пешомадҳои калон дорад.

А. Хочиев.

АЛОҚАИ КАЛИМАҲО, муносибати синтаксисии байни калимаҳо, ки ба тавассути он ибора, ҷумла ва нутки мураттаб пайдо мешавад. А. к. ду навъ аст: тобеъ ва пайваст. Хелҳои алоқаи тобеъ: мувофиқат — аз рӯи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат кардани хабар (Дарахт гул кард — Дарахтон гул карданд); изофӣ (гули сурх); пешоянди (ба театр рафтан); пасоянди (дарьёро гузаштан); ҳамроҳӣ, ки ба мавқеъ, маъно, тартиб ва хусусияти грамматикии калимаҳо вобаста аст (аъло хондан, панҷ нафар студент, ҳамин дафтар); изофию пешоянди, ки вазифаи А. к. асосан ба зимман пешоянд аст (муомилаи бо одамон, фаромадани аз девори қалъа, халосии аз таҳлука); изофию пасоянди, ки ода-

тан дар доираи ибораҳои сифатӣ дучор мешавад (мӯҳри калони даҳони пиёла барин, зулфи сиёҳи пари зоғ барин); пешояндиҳои ҷуфт, ки фақат дар ҷумла зоҳир мегардад (аз санг то санг паридан, аз пагоҳ то бегоҳ кор кардан); пешоянду пасояндӣ, ки дар он дараҷаи зичии алоқаи пасоянд нисбатан суст аст (аз соли гузашта инҷониб во нахӯрдан). А. к. ба воситаи е, ки асосан хоси услуби забони адабиёти классикист (марде бузург, дастае аз саворон, духтаре моҳрӯю зӯҳраҷабин). Дар алоқаи пайваст калимаҳо баробарҳуқуқанд, яке ба дигаре тобеъ нест (китобу дафтар; себ, нок; анор ва ангур). Доираи истифодаи алоқаи пайваст нисбат ба алоқаи тобеъ маҳдуд аст.

А. Мирзоев.

АЛОҚАИ ОПТИКӢ, алоқае, ки байни ду ё чанд пункт тавассути *мавҷҳои электромагнитии* диапазони оптикӣ (10^{13}—10^{15} Гц) ба амал оварда мешавад. Пайдоиши *лазер* имконият дод, ки воситаҳои гуногун ва принципи ҳосил кардани информация, коркард ва интиқоли он, ки барои басомадҳои радиодиапазон муқаррар карда шудаанд, ба диапазони оптики гузаронда шаванд. Аз ҷиҳати структура хати А. о. ба хати *радиоалоқа* монанд аст. Аммо афзалияти асосии А. о. дар он аст, ки гунҷоиши канали А. о. назар ба гунҷоиши канали радиобасомадҳо хеле калон аст. Мас., бо як канали зичкардашудаи А. о. якчанд ҳаз. программаи телевизионро интиқол кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, хеле хурд будани дарозии мавҷҳои рӯшноиро ба сохтани чунин манбаъҳои рӯшноии кванти имконият медиҳад, ки самтиятӣ нури онҳо назар ба самтиятӣ радиоантеннаҳои беҳтарин садҳо ва ҳазорҳо карат хубтар мебошад.

Барои модуляцияи нурафканиии генераторҳои оптики ё процесси генерацияро идора мекунанд (барои ин ба манбаи энергия ё резонатори оптикӣ таъсир бояд кард), ё олати иловагии берунирӯ истифода мебаранд, ки нурафканиии маҳраҷӣ (хориҷшаванда)-ро аз рӯи қонуни матлуб тағйир медиҳад (нигр. *Модуляцияи рӯшноӣ*). Бо ёрии узели оптикии маҳраҷ (баромадгоҳ) нурафканиии генератори оптикӣ ба нури кампароандашаванда табдил дода мешавад, ки ба узели оптикии мадхал (даромадгоҳ) рафта мерасад. Ин узел нурро ба сатҳи фаъоли фототабдилдиҳанда ғуҷ мекунад. Сигналҳои электрӣ аз ин ҷо баромада ба узели коркарди информация меравад.

Дар системаҳои А. о. ду усули қабули сигнал — бевосита детектироидан ва қабули гетеродинӣ истифода мешавад. Усули дуюм чанд бартарӣ (ҳассосиятӣ баланд ва бартараф карда тавонистани халалҳои фон) дошта бошад ҳам, аз ҷиҳати техника нисбатан мураккабтар аст.

Вобаста ба масофаи алоқа системаҳои А. о.-ро ба чунин навъҳо ҷудо мекунанд: системаҳои кушоди рӯизаминии наздикмасофа, ки дар он аз қабатҳои наздизаминии атмосфера гузаштани нурҳо истифода мешавад; системаҳои рӯизаминӣ, ки дар онҳо каналҳои пӯшидаи рӯшноибар (ноқил ва кабельҳои рӯшноибар)-ро истифода мебаранд; хатҳои алоқаи ретрансляционӣ, ки дар фазои наздики кайҳонӣ амал мекунанд; хатҳои алоқаи дури кайҳонӣ.

Хатҳои кушоди А. о. чун воситаи алоқаи байни замину кайҳон пешомадҳои калон доранд. Мас., бо ёрии шуоъ лазер ахборро ба масофаҳои то 10^8 км бо суръати 10^5 *бит* дар як сония фиристодан мумкин аст. Барои шароити рӯизаминӣ системаҳои А. о., ки ба истифодаи структураҳои пӯшидаи рӯшноибар асос ёфтаанд, бештар мувофиқанд. Дараҷаи ҳозираи техника имконият медиҳад, ки дар асоси истифодаи нурафканҳои нимноқилии диодӣ, ки бо режими ҳам лазерӣ (когерентӣ) ва ҳам ғайрикогерентӣ кор мекунанд, инчунин кабельҳои рӯшноибару приёмникҳои нимноқилӣ хатҳои алоқаи дороии ҳазорҳо каналҳои телефонӣ сохта шаванд. Минбаъд системаҳои А. о., ки бо хатҳои рӯшноибар кор мекунанд, аз рӯи имкониятҳои интиқоли ахбор ва арзиш (нисбат ба ҳар воҳиди ахбор) намуди асосии алоқаи магистралӣ ва дохилишаҳрӣ шуда метавонанд.

АЛОҚАИ ЭЛЕКТРӢ, соҳаи илм ва техника, ки масъалаҳои бо ёрии ҷараёни электрӣ ба масофаҳои дур фиристодани информацияро дарбар мегирад. Намудҳои асосии А. э.: *телеграфия, фототелеграфия, телефония, радиоалоқа, телевизион.* Дар мавриди А. э. ахбор ба воситаи сигналҳои электрии бо сим паҳншаванда ё радиосигналҳо фиристода шуда, аз ҷиҳати структура бефосила ва дискретӣ, аз ҷиҳати тарзи қабул ҳуҷҷатӣ (мас., телеграмма) ва беҳуҷҷат (мас., гуфтугӯ бо телефон) мешавад.

АЛОҚАЧӢИ ХИЗМАТНИШОНДОДАИ РСС ТОҶИКИСТОН, унвони фахрӣ; 7 апр. 1965 Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон муқаррар кардааст. Ба коркунони баландихтисоси инженерию техникии органҳои алоқа, хатҳошону монтёрҳо, телефончиёну радистҳо, телеграфчиёну операторҳо, инчунин ба коркунони роҳбарикунандаи органҳои идоракунӣ, ки аз рӯи ихтисос камаш 15 сол кор кардаанд, барои хизматҳои махсус дар инкишофи воситаҳои алоқа, ҷорӣ кардани техникаи нав ва хизмати намунавӣ дода мешавад. Шахсоне, ки ба ин ном сарфароз мегарданд, Грамотаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ва нишони сарисиҳагӣ мегиранд. Шахсоне бо ин унвони фахрӣ сарфарозшуда:

Нишони сарисиҳагии «Алоқачии Хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон».

1966: А. Е. Антонова, Т. Бозоров, К. Бойбобоев, В. С. Башко, П. И. Болдырева, Б. Т. Гришин, С. П. Дворов, Х. Имомбердиев, М. Н. Камнева, Г. И. Коренев, Н. Р. Лемешева, Н. И. Медведев, С. Миралишоева, С. Т. Очилдиев, Т. П. Прибыльщикова, Х. Собиров, Л. В. Тараханова, П. В. Уланов, Н. Худойқулов, М. В. Шеховцева;

1968: С. Э. Пеккёр, Р. Раҷабов, Ғ. Расулов, В. В. Травин, К. П. Феоктистова;

1969: З. Алиназарова, И. В. Корнеев, М. В. Невенчена, Д. И. Шнурников;

1971: Д. И. Попов;

1973: А. В. Афанасьев, Б. А. Муҳаммадов, Ҳ. Кабиров;

1974: Н. Гулов, Д. Инатуллоев, М. М. Ковалёва, М. И. Моргунова, Л. Н. Никонова, Е. Раҳмонов, В. А. Рюмков, А. И. Трофимова.

1975: П. Муборакоев;

1976: И. Н. Кудряшев, В. С. Солодов, В. А. Фадеев.

АЛПАРСЛОН الب ارسلان Муҳаммад ибни Довуд (1029—73), султони *Салҷуқиён* (аз с. 1063). Бо мақсади васеъ намудани мулки худ с. 1063 ба Гурҷистон, с. 1064 ба Арманистон, Озарбойҷон ва с. 1065 ба хоки Осиёи Миёна юриш кард. 26 авг. 1071 дар Манцикёрт (мавзее дар назди кӯли Ван) қӯшуни императори Византия — Романи IV Диогенро шикаст дод ва худи ӯро асир гирифт. Тирамоҳи 1072 бо ӯрдуи 200 000 нафара аз нав ба Мовароуннаҳр лашкар кашид, вале дере нагузашта аз дасти асире кушта шуд.

А. Мирбобоев.

«АЛПОМИШ», достони қаҳрамонии халқи тоҷик. «А.» дар байни халқҳои ӯзбек, қарақалпоқ, қазоқ, тотор ва бошқирд низ маъмул аст. Муборизаи оммаи халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлол, барқарор гардидани осоишу адолат ва орзуву омоли инсон дар зиндагӣ ғояи асосии достонро ташкил медиҳад. Ходимони экспедицияҳои фольклории Ин-ти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷ. дар с-ҳои 50 аз водии Зарафшон, шаҳри Ленинобод, маҳалҳои тоҷикнишини вил. Қашқадарьёи РСС Ӯзб. вариантҳои тоҷикии «А.»-ро ёфтанд, ки ҷиҳатҳои хос дорад. «А.»-и тоҷикӣ аз доираи достонҳои қаҳрамонӣ хориҷ шуда, эҷодиёти анъанавии афсонаҳои қаҳрамониро дарбар гирифтааст. Ба ҷустуҷӯи Қарохои сафар карда, дар ҳиссаи шартҳои Барчиной ном шоҳдухтари зебо корномаҳо нишон додани А. ва ӯро ба зиёд гирифта баргаштан,

Култои золимро маглуб намуда, зан ва хешу таборашро начот додани ӯ мундаричаи «А.»-и тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ҷиҳатҳои хоси «А.»-и тоҷикӣ дар тасвири образҳо ва баёни воқеаҳо зоҳир мегарданд.

Ад: Альпамиш, сост. Р. Амонов, Сталинабад, 1959; В. М. Жирмунский, Сказание об Альпамише, М., 1960.

Р. Амонов.

АЛПТАГИН الپ تکین (тақр. 885—963), арбоби давлат, сарлашкар ва феодали калони *Сомониён*, асосгузори давлати *Ғазнавиён*. Аслан аз туркони ғулом буда, аз нӯкари қаторӣ то ба мансаби ҳоҷибӣ расид. Дар хурдсолии амир *Абдулмалик* ҳокимият асосан дар дасти А. буд. А. ва вазири аъзам *Балъамӣ*, ки яке аз дӯстони наздики ӯ буд, бе маслиҳати якдигар кор намекарданд. Абдулмалик барои суст гардидани мавқеъ ва аз пойтахт дур кардани А. с. 961 ӯро волии Хуросон таъин кард. Вале худи ҳамон сол *Мансур ибни Нӯҳ* ба тахт нишаста, А.-ро аз ин вазифа барканор намуд. А. ҳокимияти Мансурро эътироф накард ва худ ба Балх рафта, с. 962 кӯшуни Мансурро шикаст дод. Сипас ба Ғазна рафта, сулолаи ҳукмронро торумор кард ва ба давлати нави мустақил асос гузошт, ки он дере нагузашта, ба давлати бузурги Ғазнавиён табдил ёфт.

Ф. Пӯлодов.

АЛУНИТ (франс. alun—зок), минерал аз гурӯҳи сульфатҳои мураккаб. Форм. химиявиаш $KAl_3[SO_4]_2(OH)_6$. Дар системаи тригонали кристалл мебандад. Агрегатҳояш маҳиндонаи сахт ё хока. Рангаш сафед, хокистарӣ, зардча. Сахтиаш 3,5—4; зичиаш 2600—2800 кг/м³. А. аз ҷинсҳои вулқонӣ дар натиҷаи таъсири маҳлулҳои гидротермалии сульфатӣ ва дар ҷинсҳои таҳшин аз оксидшавии колчедани сульфур ба вуҷуд меояд. А. асосан барои ҳосил кардани зок, оксиди алюминий, намаки калий ва г. истифода мешавад.

АЛУШКА, шаҳр дар вил. Крими РССУ. Дар соҳили ҷанубии Крим, 17 км дуртар аз Ялта воқеъ аст. Аҳол. 10,4 ҳаз. наф. (1970). Чун курорти иқлимии наздибаҳрӣ машҳур аст. Аз миёнаи май то охири сент. дар баҳр оббозӣ кардан мумкин. Дар А. санаторий ва хонаҳои истироҳат, қасрмузей воқеанд.

АЛУШТА, шаҳр дар вил. Крими РССУ, 33 км шим. шарқтари Ялта, курорти иқлимӣ. Хати троллейбус онро бо Ялта ва Симферополь менаҳвандад. Аҳол. 24 ҳаз. (1974). Иқлимаш нисбат ба диг. курортҳои соҳили ҷан. Крим салқинтар аст. Дар А. касалиҳои узви нафас, асаб, баъзе касалиҳои дилу рагҳои ҳунгард ва г. табобат карда мешаванд. А. санаторияҳо, хонаҳои истироҳат, лагерьҳои пионерӣ, базаҳои туристӣ ва ғ. дорад.

«АЛ-ФЕҲРИСТ» الفهرست ё «Феҳрист-ул-улум», ҳомуси арабӣ, таълифи *Ибни Надим* (ваф. 990). «А.» аҳамияти бузурги илмӣ, адабӣ ва таъриҳӣ дошта, воқеоти таъриҳию адабии то с. 987-ро дарбар гирифтааст. Дар шакли мавҷуда «А.» дорои даҳ мақола аст: 1) дар тавсифи луғот, номи китобҳои динию мазҳабӣ; 2) дар бораи аҳли наҳв ва луғат; 3) дар ахбор, одоб ва сирати мансабдорон ва номи китобҳои онон; 4) дар шеър ва шоирон; 5) дар калом ва мутакаллимин; 6) дар фиқҳ, фиқҳиён ва муҳаддисин; 7) дар фалсафа ва улуми қадим; 8) дар достон ва қиссаҳо, хурофот, азоим, сеҳр ва найранг; 9) мазҳабҳо ва эътиқод; 10) дар ахбори кимиёгарон. «А.» дар омӯхтани таъриҳи адабиёти пешазисломии мо низ сарчашмаи муҳим аст. Дар мақолаи ҳаштуми ин китоб 70 номгӯй асарҳои адабиёти қадими мо зикр ёфтааст, ки дар а. 10 мавҷуд буда, баъдтар аксари онҳо аз байн рафтаанд. «А.» ба сабки соддаю равон нигориш ёфта, муаллиф дар баёни матлаб мухтасарнависиро пеш гирифтааст. Аввалин матни илмии комили «А.»-ро донишманди австрияги Густав Флюгель таҳия кардааст, ки дар Лейпциг (1872) пурра ба табъ расид. Чопи дуюмаш дар Миср (1929) анҷом ёфт. Тарҷумаи форсии «А.» ба қалами Ризои Таҷаддуд тааллуқ дорад (1968).

К. Айнӣ.

АЛЬБЕДО (аз лот. albus — сафед), қобилияти шуоъ инъикос кардани ҷисм; нисбати сели шуои аз сатҳе инъикосшуда ба сели шуои ба он сатҳ афтода. А.-и ҷисми мутлақо сафед ва сатҳе, ки нури ба он афтодаро пурра инъикос мекунад, ба як ва А.-и ҷисми мутлақан сиёҳ ба ноль баробар аст. А.-и ҷисмҳои мукаррарӣ байни ноль ва як воқеанд. А.-и ҷирмҳои кайҳонӣ, ки атмосфера доранд, хеле калон аст. А.-и Моҳ ва Аторуд 0,07, Зӯҳра 0,59, Замин 0,45, Миррих 0,15, Муштарӣ 0,56, Зуҳал 0,63, Уран 0,63, Нептун 0,73. А.-и аппарати парвози кайҳонӣ ҳар қадар зиёд бошад, нурҳои Офтоб сатҳи онро ҳамон андоза кам гарм мекунад.

А. бо альбедометр чен карда мешавад, ки он ду сатҳ дорад: яке барои чен кардани шуои афтода ва дигаре барои чен кардани шуои инъикосшуда.

АЛЬБЕРТИ КАБИР, Альберт фон Больштедт (Albertus Magnus) (тақр. с. 1193 — 15. 11. 1280), файласуфи немис, фақеҳ, намояндаи схоластикаи ортодоксалӣ. А. К. дар Падуя таҳсил ва дар Парижу Кёльн муаллими кардааст. А. К. ба туфайли шарҳи асарҳои Арасту асосгузори навсолӣ ва мураттаби фиқҳи католикӣ гардид. А. К. бар зидди равишҳои оппозиционии схоластикӣ ва бидъат, ҳиҷвиҳо бар зидди *рушдия* муборизаи мебурд. Дар тафсири ҳафдаҳо кулли А. К. ба таъсири Ибни Сино мондааст. Дар байни олимони а. 13 бо донишҳои фавқулоддаи ҳаматарафаи худ шӯҳрат дошт. Доир ба маъдан, набототу ҳайвонот ва г. рисолаҳо таълиф кардааст.

АЛЬБИНИЗМ (лот. albus—сафед), ғайримӯътадилии пигментацияи пӯст, мӯй, инабияи (пардаи рангини) чашми одаму ҳайвон. А. дар растанӣ низ мушоҳида мешавад. А. аломати ирсист.

АЛЬБИТ (лот. albus), минерал аз гурӯҳи шпатҳои дашти—плагиоклазҳо. Форм. химиявиаш $Na[AlSi_3O_8]$. Системаи кристаллбандиаш триклинӣ; кристаллҳояш хурди ҷадвалӣ. Рангаш сафед, зарди бӯртоб, ҷилояш шишагуӣ. Сахтиаш 6—6,5; зичиаш 2610 кг/м³. А. чун минерали ҷинсофарин асосан дар таркиби ҷинсҳои ишқорӣ (граниту сиенитҳои ишқорӣ) ва пегматитҳо дохил мешавад. А.-и холис дар саноати кулолӣ ба кор меравад.

АЛЬБИТОФИР, кератофир, ҷинси кӯҳии магмавӣ, ки сохти порфирӣ дорад. Асосан аз альбит ва миқдори ками кварц, ортоклаз, хлорит иборат аст. Дар таркиби ҷинс ғурӯшаҳои альбит хол-хол ҷойгир шудаанд. А. дар натиҷаи метаморфизми лаваҳои трахитӣ ва андезитӣ пайдо мешавад. Дар байни ҷинсҳои эффузивии қадими Урал, Кавказ, Осиёи Миёна (аз ҷумла, дар аксар кӯҳҳои Тоҷикистон) паҳн гаштааст.

АЛЬБОМ (франс. album), 1) дафтаре, ки муқоваи мунаққаш дорад ва барои расмкашӣ, навиштани шеърҳо, ҷой додани коллекцияҳо, суратҳо, кушодномаҳои почта ва г. истифода мешавад. 2) Маҳсули чопии китобатшудае бо расмҳо, нақшаҳо ва тавзеҳот.

АЛЬБУМИНҲО (лот. albumen — сафеда), сафедаҳои соддае, ки ба таркиби бофтаҳои растанӣ ва ҳайвон дохил мешаванд. А. дар зардоби хун, шир, сафедаи тухм, тухми растанӣ ва г. мавҷуданд. Дар об, кислота ва ишқор ҳал шуда, ҳангоми гидролиз аминокислотаҳо ҳосил мекунанд.

АЛЬВАРЕС (Alvares) Херонимо Арнедо (тав. 1897), котиби генералии КМ ПК Аргентина. Аз оилаи коргар. Аъзои партияи коммунистӣ аз с. 1925. Дар давраи диктатураи фашистии генерал Урибуру (1930—32) А. дар шароити вазнини пинҳонкорӣ коргаронро ба муборизаи барои истиқлолияти миллӣ ва озодӣ даъват мекард. Аз с. 1933 аъзои КМ ва аз с. 1938 котиби генералии КМ ПК Аргентина. Дар съездҳои 21 ва 25-ми КПСС сардори ҳайати вакилони Партияи коммунистии Аргентина буд.

АЛЬВЕОЛАҲО (лот. alveolus — чуқурча, хонача, пуфакча), 1) қисми нитиҳои ҳалтачашакли ғадудҳо, ки ацинус ҳам номиданд; 2) қисми нитиҳои пуфакчашакли бронхиолаҳо

шуш, ки ба воситаи онҳо дар байни ҳавои альвеолӣ ва хун мубодилаи газ ба вуҷуд меояд. А. чун халтачаҳои гирда ё лӯла буда, аз дарун бо як қабат ҳуҷайраи эпителӣ ва аз берун бо рагҳои хун иҳота шудаанд; 3) дандонхонаҳои устухони ҷоғ, ки дар онҳо решаи дандонҳо ҷойгиранд.

АЛЬДЕГИДҲО [ихтисоран аз лот. muosir al (cohol) gehyd (rogenatum) — алкоголи бе гидроген], синфи пайвастҳои органикӣ, ки дар онҳо гурӯҳи карбонил (> C = O) бо радикали органикӣ (R) ва атоми гидроген алоқаманд аст. Формулаи умумии А.: RCHO. Гурӯҳи карбонил имконият медиҳад, ки А. бо осонӣ ба реакцияи муовиза ва пайвастшавӣ, полимеризация ва конденсация дохил шуда, то кислота оксид ва то спиртҳо барқарор гарданд. А.-ро аз дегидридонии спиртҳои якумин, оксидонии карбогидридҳо, инчунин бо роҳи ба олефинҳо таъсир кунонидани гидроген ва оксиди карбон ва дар саноат бо усули ацетиленро бо об пайвастан (реакцияи Кучеров) ҳосил мекунанд. Аксари А. аҳамияти техникӣ доранд: дар истеҳсоли пластмасса, моддаҳои хушбӯй, кислота, эфир ва г. истифода мебаранд. Ацетальдегид (CH_3CHO), *формальдегид*, *фурфурол* А.-и мухимтаринанд.

АЛЬЕНДЕ (Allende) Госсенс Сальвадор (26.7.1908, Сантьяго — 11.9.1973, ҳамон ҷо), арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Чили. Лауреати Мукофоти байналхалқии ленинӣ «Барои мустаҳкам кардани сулҳи байни халқҳо» (1972). С. 1932 фак-ти тиббии Ун-ти Чилиро дар Сантьяго хатм кард. С. 1933 дар таъсиси Партияи Социалисти ширкат дошт ва яке аз роҳбарони он буд. С-ҳои 1937—41 — депутати Конгресси миллӣ, 1939—42 — вазири нигаҳдории тандурустӣ. Ҳамчун вазир бори нахуст дар таъриҳи Чили барои коргарон фонди сугурта ташкил намуд. С-ҳои 1945—70 — аъзои сенат, 1966—69 раиси сенат. Яна 1970 блоки «Ягонагии халқ»-ро ба номзадии президент пешниҳод кард. Президенти Чили аз 3 нояб. 1970. Аъзои Совети Умумичаҳонии Сулҳ. Муаллифи чанд асар, аз ҷумла китоби «Масъалаҳои тиббию ҳиҷтимоии Чили» (1940). Дар табаддулоти фашисти кушта шуд.

АЛЬКОР, ситораи Дубби Акбар; кушситораи аз ариҳои Осиёи Миёна ҳамеша намоён. Кадри ситоравиаш 4,02, масофа аз Офтоб 24 пк.

АЛЬМАНДИН, минерал аз гурӯҳи бесилика. Формулаи химиявиаш $Fe_3Al_2[SiO_4]_3$. Системаи кристаллбандиаш куба; кристаллҳояш додекаэдршакл. Рангаш сурх, сурхи бӯртоб, сурхи бунафштоб, сиёҳ. Чилояш шишагун. Сахтиаш 7—7,5, зичиаш 4100—4300 кг/м³. А. минерали хоси ҷинсҳои метаморфӣ (варакасангҳои кристаллӣ, гнейсҳо, амфиболитҳо) аст. Ҳамчун санги қиматбаҳо ва масолеҳи абразивӣ истифода мешавад.

АЛЬМЕТЬЕВСК, шаҳр дар РАСС Тот., дар лаби д. Зай, 18 км дуртар аз ст. р. о. Миннибаево. Аҳол. 104 ҳаз. наф. (1977). А. яке аз шаҳрҳои ҷавонтарини республика буда, с. 1950 чун посёлкаи нефтчиён ба вуҷуд омад ва с. 1953 ба шаҳр табдил ёфт. Муҳимтарин маркази саноати нефти РАСС Тот. Нефту газ истеҳсол карда мешавад. Заводҳои коркарди газ, чӯбу тахта, хишт, таъмири автомобилу трактор ва г. дорад. Аз А. нефтепроводи «Дружба», инчунин ба ш-ҳои Горький, Пермь, Куйбышев ва Субҳонқулово нефтепровод меравад. Дар А. фак-ти шабонаи Ин-ти саноати нефту химия ва гази Москва, 4 мактаби миёнаи махсус, театри драма мавҷуданд.

АЛЬП, кӯҳҳои Альп (кельтӣ Alp — кӯҳи баланд), системаи кӯҳҳо дар Европаи Ғарбӣ, дар терр. Италия, Франция, Швейцария, РФГ, Австрия, Югославия ва Лихтенштейн. Қуллаи баландтаринаш 4807 м (к. Монблан). Тӯлаш қариб 1200 км, бараш то 260 км. Масоҳ. қариб 220 ҳаз. км². А.—силсилаи мураккаби қаторкӯҳҳо ва массивҳост, ки аз б. Миёназамин то ҳамвории Дунаи Миёна камоншакл тӯл кашидааст. Дар қаду бари он водиҳои зиёде воқеанд. Ағбаҳои асосии А.—Симплон, Сен-Готард, Бреннер, Сен-Бернари Калон ва Хурд, Мон-Сени. Водии аминке, ки дар байни кӯлҳои Боден ва Комо тӯл кашидааст, А.-ро ба қисмҳои ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо мекунад. Қисми шарқӣ нисбат ба ғарбӣ пасттар ва сербартар аст. А. кӯҳҳои ҷавон буда, дар давраи чин-доршавии альпӣ ба вуҷуд омадааст. Рельефи А. вобаста ба сохти геологӣ хеле гуногун аст. Дар ташаккули рельефи ҳозираи кӯҳҳо роли эрозияе, ки аз таъсири об ва ҳаракати пирьяхҳо ба вуҷуд омадааст, хеле бузург аст. Минтақаи марказии баландтарини А. аз ҷинсҳои кристаллӣ ва метаморфии қадим, минтақаҳои атрофи он аз оҳаксангу доломитҳо, таҳнишастҳои флишию моллясии эраи мезозой ва нисбатан ҷавонтар таркиб ёфтаанд. Иқлими А. кӯҳӣ, дар доманаи кӯҳҳо — мӯътадил, дар қуллаҳои баланд — хунук

Пирьяхҳои массиви Монблан.

Теғаҳо бо барфҳои доимӣ ва пирьяхҳо пӯшидаанд. Майдони умумии пирьяхҳо 4140 км². Боришоти бештарин (2000—3000 мм дар як сол) дар нишебаҳои қисми шим. ва ҷанубии А. мушоҳида мешавад. Дар водӣ ва хамиҳои байни кӯҳҳо, ки хусусияти иқлими континентӣ доранд, боришоти солона кам аст (500—

Пирьяхи Алеч — калонтарин дар кӯҳҳои Альп.

800 мм). Д-ҳои калони Рона, Рейн, По, Адиче, шохобҳои рости Дунай аз А. ҷорӣ мешаванд. Онҳо сероб ва серостона буда, манбаи ғанӣ гидроэнергетикианд. Кӯлҳои хушманзара бисьёранд: Женева, Цюрих, Боден, Тун, Бриенц, Лаго-Маҷоре, Комо ва ғ. Кӯҳҳои А. аз рӯи ландшафт ба минтақаҳои зерин тақсим мешаванд: то бал. 800 м — маҳалҳои аҳолинишин, боғҳо, киштзор; дар бал. 800—1800 м — бешаҳои паҳнбарг (булут, шамшод) ва сӯзанбарг (ҷоҷ, ладен, сапавбар, шарбин), чарогоҳ, дар қисми поёнӣ ин минтақа киштзори ғалла; то бал. 2300 м — растаниҳои буттагӣ, алафи баланд, чарогоҳҳои тобистона; то бал. 2500 м — маргзорҳои камалаф, болотар — барфҳои доимӣ, пирьяхҳо. Дар А. аз ҳайвонот ғизол, гавазн, гуроз, ғург, рӯбоҳ, гурбаи ваҳшӣ, хаз, саворсор, қоқум, санҷоб, росу, харгӯш; аз паррандагон чилмург, дурроҷ, чарҳресак, зоғ, гунҷишк, ҷалгӯзаҳӯрак ва ғ. вомехӯранд. Конҳои магнезит, манган, ангиштсанг, маъдани мис, оҳан, сурбу руҳ мавҷуданд. Дар А. якчанд туннель сохта шудааст.

Водии баландкӯҳи Шамони

АЛЬТ (лот. altus—баланд), 1) партия дар хор ё ансамбли вокалӣ, ки бо овозҳои пасти бачагона ё овозҳои пасти занона (меццо-сопрано, контральто) иҷро мешавад. А. дар партитура аз тенор баландтар. 2) Овози пасти бачагона (писаракон). 3) Асбоби чорторои камончадоре, ки ба скрипка шабоҳат дошта, ҷӯраш як квинта паст аст. А. дар а. 16 пайдо шуд. А. дар ансамбль (иштирокчии ҳатмии квартети асбобҳои камончадор) ва дар оркестри симфонӣ (одатан дар оркестр 8—10 альтнавоз) истифода мешавад. А.-ро дар якканавозӣ қариб истифода намебаранд. 4) А. ё альтгорн, асбоби нафасии мисӣ, дар оркестри нафасӣ истифода мешавад. 5) Навъи баъзе асбобҳои оркестрӣ (думбура—А., кларнет — А., тромбон — А. ва ғ.).

АЛЬТЕРНАРИОЗИ РАСТАНӢ, касалиест, ки аз сироятӣ занбӯруги Alternaria пайдо мешавад. Махсусан А. карам (A. brassicae) зарари калон мерасонад. Себ, нок, картошка, тамоку, қот, ниҳоли дарахт, майса ҳам ба альтернариоз гирифтор мешаванд. Ҷойҳои осебдидаи растанӣ сиёҳтоб ва бофтаҳояш нобуд мешаванд. Усули мубориза: заҳролудонии тухмӣ ва дуруст киштгардон кардан.

АЛЬТЕРНАТИВА (лот. alter — аз ду яке), зарурати аз ду ё якчанд ҳукмҳои якдигарро истисноқунанда якеро интихоб кардан. Чуноначи, дар муҳокимаи «ҳар як ҳайвони хушкигард ё ҳазанда, ё чорво, ё парранда аст» се А. (1. ҳайвони хушкигарди ҳазанда, 2. ҳайвони хушкигарди чорво, 3. ҳайвони хушкигарди парранда) ҳаст. Ҳар яке аз ин муҳокимаҳо дигареро истисно мекунад ва агар яке рост бошад, дигаре дурӯғ аст. Ифодаи рамзии ҳукмҳои А.-ӣ чунин аст: $S\text{-}P_1\ VP_2\ VP_3$. Дар ин ибора S — мубтадои умумӣ, P_1, P_2, P_3, ... мутобиқан *предикатҳои* якум, дуюм, сеюм ва V — пайвандаки ҷудоист, ки «ё», «ё ин ки»-ро мефаҳмонад. Ва дар ҳамаи муҳокимаҳои мураккаби ҷудоӣ, ҳукмҳои таркиби А. шуда метавонанд. Мас., дар муҳокимаи «Фикрҳои одам ҳамеша ё саҳеҳанд ё саҳеҳ нестанд» хабари мантиқии дуюм — «саҳеҳ нестанд» бо роҳи инкори хабари якум — «собитанд» гирифта мешавад. Ифодаи рамзии ҳукми мазкур: S — PVP мешавад. А. фақат дар вақти бо дизъюнкция қатъӣ пайвастани гуфторҳо ҳосил мешавад. Барои ишораи А. дар байни гуфторҳо аломати V ё VV гузошта мешавад. Дар мантиқи математӣ А.-ро дизъюнкция меноманд.

Н. Парвиев.

АЛЬФА-ЗАРРАҲО, α-зарраҳо, ионҳо, зарраи иборат аз ду *протон* ва ду *нейтрон* (ядрои атоми гелий). Массаи А.-з. 4,00260 *воҳиди массаи атомӣ* ($6{,}644 \cdot 10^{-24}$ г), заряди электриаш баробари ду заряди элементарии мусбат, *спин, моменти магнитӣ* ва моменти квадруполиаш баробари ноль мебошанд. А.-з. соддатарин системаҳоеанд, ки дар онҳо ҳама бандҳои ядрои нурра истифода мешавад. Аз ин рӯ, энергияи бандиши А.-з. басо бузург — 28,3 МэВ (яъне ба ҳар нуклон қариб 7,1 МэВ) аст.

А.-з аз коҳиши баъзе атомҳои радиоактиви вазнин (^{238}U, ^{226}Ra, ^{212}Po ва ғ.) ва дар натиҷаи реакцияҳои ядроии гуногун ($^{14}N + {}_1^1H \longrightarrow {}^{11}C + \alpha$, $^{19}F + {}_0^1n \longrightarrow {}^{16}N + \alpha$ ва ғ.) ба вуҷуд меоянд. А.-з.-и коҳиши ядроҳои гуногуни радиоактив (ниг. *Альфа-коҳиш*) дорои энергияи кинетикии 2 ÷ 9 МэВ мебошанд. Энергияи А.-з.-е ҳам, ки дар натиҷаи реакцияҳои ядрӣ ба вуҷуд меоянд, тақр. ҳамин қадар аст. Аммо баъзе ядроҳо (^{212}Po, ^{214}Po) ҳангоми аз ҳолати ангехта бевосита ба ҳолати асосӣ гузаштан А.-з.-е меафкананд, ки энергияи онҳо зиёда аз 10,5 МэВ аст (А.-з.-и дароздав). А.-з.-и баландэнергия (садҳо МэВ) дар суръатфизоҳои зарраҳои заряднок ҳосил карда мешаванд.

А.-з қобилияти ионизациони зиёд доранд. Мас., як зарраи энергияаш 5 МэВ дар ҳаво тақр. $1{,}5 \cdot 10^5$ ҷуфт ион ҳосил мекунад. Дави А.-з. L ва суръати ибтидоии онҳо чунин вобастаанд: $L = \alpha v^3{}_0$; коэф. α барои қиматҳои L = 3 — 7 см дар системаи СГС баробари $9{,}7 \cdot 10^{-28}$ мебошад. Дави А.-з. дар ҳаво якчанд см, дар шиша якчанд ҳазорьяки см аст.

Доираи истифодаи А.-з. бағоят васеъ аст: ҳосил кардани нейтронҳо ($^9Be + \alpha \longrightarrow {}^{12}C + n$), ба вуҷуд овардани радиоизотопҳо ($^{239}Pu + \alpha \longrightarrow {}^{242}Cm + n$) ва ғ.

Я. Шукуров, С. Қодирӣ.

АЛЬФА-КОҲИШ, α-коҳиш, процесси ҳуд аз ҳуд хориҷ шудани альфа-зарра (ядрои атоми гелий ^4_2He) аз ядрои вазнин. Дар натиҷаи А.-к. заряди ядро Z ба 2 воҳид ва адади массавиаш *A* ба 4 воҳид кам мешавад. Мас., Уран — 238 дар натиҷаи А.-к. ба торий — 234 табдил меёбад: $^{238}_{92}U \longrightarrow {}^{234}_{90}Th + {}^4_2He$. А.-к. танҳо вақте имконпазир мегардад, ки массаи ядрои радиоактив аз суммаи массаи α-зарра ва ядрои маҳсул зиёд бошад. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи ядроҳои адади массавиашон $A > 140$ α-зарра хориҷ карда метавонанд. Қариб 200 ядрои α-радиоактив маълуманд, ки аз сурб ($Z > 82$, $A > 206$) вазнинтаранд. Чанд ядрои α-радиоактив дар сохаи элементҳои нодир вомехӯранд ($^{144}_{58}Ce$, $^{146}_{62}Sm$ ва ғ.). Гурӯҳи ядроҳои α-радиоактиви $Z < 82$ аз ядроҳои камнейтрон иборатанд. Характеристикаҳои асосии ядроҳои α-радиоактив ва α-зарраҳои хориҷшуда даври нимкоҳиш—

$T_{\frac{1}{2}}$, энергияи кинетикии α-зарра — E_α, дави α-зарра R_α мебошанд. Барои ҳамаи ядроҳои α-радиоактив $T_{\frac{1}{2}}$ аз $1{,}9 \cdot 10^{-7}$ сония ($^{212}_{84}Po$) то 10^{17} сол ($^{204}_{84}Pb$) ва E_α барои ядроҳои $Z > 82$ аз 4 то 10,5 МэВ ва барои ядроҳои $Z < 82$ аз 2 то 4,5 МэВ тағйир меёбад. Даври нимкоҳиш $T_{\frac{1}{2}}$ ба энергияи α-зарра вобаста буда, бо зиёд шудани энергия аз рӯи қонунияти муайян хурд мешавад (қонуни Гейгер-Неттол). Бо зиёд шудани рақами тартибӣ даври нимкоҳиш хурд шудан мегирад. Вале умуман қонуниятҳои А.-к. ба структураи дохилии ядрои коҳанда вобастаст.

Аз таносубҳои энергетикӣ дидан мумкин аст, ки α-коҳиш бояд дар лаҳзаи хеле кӯтоҳ ба амал ояд. Аммо дар амал α-коҳиш дар $T_{\frac{1}{2}}$ (мас., барои уран — 236 $T_{\frac{1}{2}} = 4{,}5 \cdot 10^9$ сол) ба амал меояд. Дар расм энергияи таъсири кулонии α-зарра бо ядрои махсул U чун функцияи масофаи байни онҳо R тасвир ёфтааст. Азбаски энергияи пурраи α-зарра E аз энергияи максималии потенциалӣ хурд аст, аз нуқтаи назари физикаи классикӣ А.-к.-ро фаҳмондан номумкин аст. α-коҳишро механикаи квантӣ дуруст шарҳ дод (ин корро Г. Гамов, Х. Гейри ва Э. Кондон анҷом доданд). Механикаи кванти дар асоси табиати мавҷии α-зарраҳо нишон дод, ки α-зарра эҳтимолияти муайянро аз садди потенциалӣ гузаштан дорад (*туннельэффект*). Эҳтимолияти гузаришро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$\lambda = \frac{\pi R^2}{mR^2} \exp\left[-\frac{2Z^2}{\hbar c}(2\alpha_0 - \sin 2\alpha_0)\right] \cdot \cos^2 \alpha_0 = \frac{\pi E}{2Z^2}.$$

Дар ин ҷо R — радиуси эффективии ядро, Z — заряди ядро, E — энергияи А.-к., v — суръаи α-зарра дар вакти аз ядро баромадан, e — заряди электрон, h — собитаи Планк, m — массаи α-зарра. α-зарраҳо энергияи ядро дар вакти аз моддаҳо гузаштан гум мекунанд (асосан ба туфайли барҳурд бо электронҳои атомҳо ва молекулаҳо, ки дар натиҷаи он ионизация, ангезиш ва диссоциация ба амал меоянд). Барои тамоман нест шудани энергияи α-зарра $10^4 - 10^5$ маротиба зарб хӯрдани он лозим аст. Дар ҳаво дар шароити нормалӣ дави α-зарраҳо тахминан 2,5—5 см-ро ташкил медиҳад.



Таҳқиқи илмии А.-к. як қатор масъалаҳои муҳим (сохти ядро, заряд ва радиуси ядро, реакцияҳои ядрӣ, радиоактивияти сунъӣ ва г.)-ро равшан кард. *Ф. Нормуродов.*

АЛЬФА-ТЕРАПИЯ, муолиҷа бо альфа-шуоъ. Бо усули дар ваннаи радионӣ оббозӣ кардан, оби радонӣ нӯшидан, бо он микроимола (микроклизма) кардан, аз ҳавои бо радон бой нафас гирифтан ва ба ҷойҳои муайяни бадан бандинаҳои радиоактив ниҳодан гузаронда мешавад. А.-т. кори системаи асаб, рагу дил ва ғадудҳои эндокринро беҳтар мекунад. Онро дар курортҳои Пятигорск, Цхалтубо, Белокуриха, Хоҷа Обигарм, Обигарм ва диг. истифода мебаранд.

«АЛ-ЭЗОҲ» الإيضاح, журнали ҳафтаинаи сиёсию иҷтимоӣ, ки ҷамъияти уламои ислом с. 1917 дар Тошкент ба табъ мерасонд. «А.» давомдиҳандаи кори журнали иртиҷоии тотории «Дин ва маишат» буд, ки он вақт ҳамагӣ 18 шумора нашр гардид.

АЛЮМИНИЙ (Aluminium, аз лот. alumen—зок), Al, элементи химиявии гурӯҳи III системаи даврии Менделеев, рақами ат. 13 массаи ат. 26.9815. Дар табиат дар ҳолати як изотопи собит ^{27}Al вомехӯрад; якчанд изотопҳои сунъии радиоактив ҳам дорад, ки муҳимтаринаш ^{26}Al (даври нимкоҳишаш $7{,}4 \cdot 10^5$ сол) мебошад. А. 8,8%-и массаи қишри заминро ташкил медиҳад ва аз ҷиҳати паҳншавӣ дар табиат баъди оксиген ва сицилий ҷои 3-юмро мегирад. Калонтарин конҳои А. дар СССР, Венгрия, Франция, Италия ва ШМА мавҷуданд. Металли А.-ро аввалин бор с. 1825 Х. К. Эрстед ҳосил кардааст. Дар табиат А.-и холис дучор намешавад. Пайвастҳои бештар паҳншудаи он алюмосиликатҳо (минералҳои каолин, андалузит ва г.), корунд (оксиди алюминий) ва боксит мебошанд. А.-ро дар натиҷаи дар криолити (Na_3AlF_6) гудохта ҳал намудани *гилҳок* (Al_2O_3) ва дар ҳарорати 950° С электролиз кардан ҳосил мекунанд. А. металли сафеди нуқратоб; t гуд. 660° С, t ҷӯш 2500° С, зичиаш (дар 20° С) 2700 кг/м³. Дар аксари пайвастҳои собиташ 3-валента, дар ҳарорати баланд баъзан 1, дар ҳолатҳои алоҳида 2-валента шудаташ мумкин аст. А. бо оксиген осон пайваст мешавад, аз ин сабаб дар ҳаво рӯяш бо пардаи оксиди пӯшида шуда, онро аз занг зада ва аз таъсири моддаҳои гуногун нигоҳ медорад. Ҳокаи А. нагз месӯзад. Бо галогенҳо бевосита пайваст шуда галогенидҳо (фторид AlF_3, хлорид $AlCl_3$, бромид $AlBr_3$, йодид AlI_3) ва дар ҳарорати баланд бо сульфур сульфид Al_2S_3, бо нитроген нитрид AlN, бо карбон карбид Al_4C_3 ҳосил мекунад. А. дар кислотаи сероб ва концентронидаи сульфат қиноман ҳал мешавад. Гидрогенхлорид ба А. бештар таъсир мекунад. Аксари намакҳои А. дар об нагз ҳал шуда, муҳити турш ҳосил мекунанд. А. дар ишқорҳо нагз ҳал шуда, алюминатҳо ҳосил мекунад. А. баъзе металл ва нометаллҳоро аз оксидҳояшон фишурда бароварда, гармии зиёд хориҷ мекунад, аз ин сабаб дар алюминотермия истифода мешавад. А. дар истеҳсоли хӯлаҳои сабуку матин аҳамияти калон дорад. Онро ба хӯлаҳои мис, рух, никель, магний, оҳан, титан ва г. ҳамчун унсури легиронанда низ ҳамроҳ мекунанд. А. ва хӯлаҳои он дар самолётсозӣ, ракетасозӣ, киштисозӣ, радио ва электротехника, металлургияи ранга, истеҳсоли асбобҳои рӯзгор, химиявӣ ва г. истифода мешаванд. Дар Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. усулҳои нави холис намудани А. ва ҳосил кардани хӯлаҳои он кор карда шудаанд. Дар РСС Тоҷ. дар ш. Регар барои аз маъданҳои маҳаллӣ истеҳсол кардани А. *Заводи алюминийи тоҷик* сохта шуд. *А. В. Ваҳобов.*

АЛЮМОСИЛИКАТҲО (аз алюминий ва силиций), пайвастҳои намакмонанди алюминию силиций, ки ба онҳо гурӯҳи минералҳои васеъ паҳншуда мансубанд. Дар структураи А. алюминий ва силиций вазифаи якхелаи кристаллохимиявиро иҷро мекунанд. Назарияи А.-ро олими рус *В. И. Вернадский* кор карда баромадааст. Мувофиқи ин назария дар минералҳо алюминий якҷоя бо силиций кислотаҳои комплексии алюмосиликатиро ҳосил мекунад ва гидрогени ин хел кислотаҳо бошад, бо металлҳои ишқорзамин (Ca, Mg, Ba ва г.) иваз мешавад. Дар натиҷаи фарсоиши А. гидроабрақ, каолинит пайдо мешавад. Ба А. бисьёр минералҳои чинсофарин, аз ҷумла шпатҳои даштӣ, абрақҳо, инчунин минералҳои гилӣ ва г. тааллуқ доранд. *У. Олимов.*

АЛЯСКА (Alaska), 1) нимҷазира дар шим. ғарби Америкаи Шимолӣ, байни ҳал. Бристоли б. Беринг ва уқ. Ором. Қисми шт. Аляскаи ШМА. Тӯлаш қариб 700 км, бараш аз 10 то 170 км. Асосан аз қ-кӯҳи Алеут иборат аст, ки дар қуллаҳояш вулқонҳои амалкунанда (вулқ. Катмай, 2047 м) ё хомӯш (вулқ. Вениаминов, 2507 м) воқеанд. Ландшафташ тундраи кӯҳӣ; пирьяҳояш на чандон калон. Соҳилҳои шим. ғарбии А. паст буда, кӯлҳои сершумор дорад, бо маргзори субарктикӣ пӯшидааст. 2) Сарзамин дар шим. ғарбии Америкаи Шимолӣ. Масоҳ. 1519 ҳаз. км². Аҳол. 302 ҳаз. нафр. (1970), асосан хизматчиёни ҳарбӣ; сокинони маҳаллӣ—ҳиндуён, алеутҳо,

эскимосҳо. Қисми зиёди аҳолӣ дар соҳилҳои ҷанубӣ ва ҷан. шарқии А. зиндагӣ мекунанд. Шаҳрҳои калонаш — Анкорич, Кетчикан, Ҷуно, Ситка, Фэрбенкс. Қисми шимолӣ ва марказии сарзамини А. ҳамворию паҳкӯҳҳоанд (бал. то 1200 м). Иқлимаш хунуки континентӣ. Ҳарор. миёнаи янв.— 24,8° С, июль 15,7° С. Боришоти солона 300 мм. Растаниҳои тундравӣ, бешаҳои тунук меруянд. Д-ҳои калонаш: Юкон, Конвилл. Қисми ҷанубӣ ва ҷан. шарқии А.-ро кӯҳҳои баланд (к. Мак-Кинли, 6193 м) фаро гирифтаанд. Иқлими ин минтақа мӯътадили намнок. Ҳарор. миёнаи янв.— 1,6° С, июль 13,3° С. Боришоти солона 1500—4000 мм. Дар нишебаҳои ҷанубӣ ва ҷан. шарқии кӯҳҳо бешаҳои сӯзанбарг меруянд, ҷан. гарбӣ — марғзор. Дар А. конҳои тилло, платина, симоб, қалъагӣ, хромит, ангиштсанг, нефть мавҷуданд.

А.-ро дар нимаи аввали а. 18 сайёҳони рус кашф кардаанд; с. 1867 ҳукумати подшоҳӣ онро ба ШМА ба 7,2 млн доллар (қариб 11 млн сӯм) фурӯхт. Дар натиҷаи кашфи конҳои тилло (охири а. 19) дар қисми марказии А. маҳалҳои аҳолинишин бунёд шуданд. А. аз с. 1958 штати ШМА; маркази маъмуриаш ш. Ҷуно. Дар А. саноати моҳидорӣ, мӯйна, консерви моҳӣ, чӯббурӣ, чӯбгарӣ, когазу целлюлоза, истеҳсоли маъданҳои кӯҳӣ ривоҷ ёфтааст. Дар терр. А. бисёр аэродромҳо, базаҳои ҳарбиҳои ШМА мавҷуданд.

АЛЯСКА, халиҷи кушоди уқ. Ором дар назди соҳилҳои Америкаи Шим., байни нимҷаз. Аляска ва ҷаз. Ванкувер. Чуқурияш то 5659 м. Дар А. ҷазираҳо-ҳои Кадьяк, Александр ва ҷаз-ҳои Малика Шарлотта воқеанд. Маддаш то 12 м. Сьюард (дар Аляска) ва Принс-Руперт (дар Канада) бандарҳои калонтаринанд. Географи рус Ф. П. Литке с. 1840 дар ҷаз. Баранови ҳал. А. нахустин дар уқ. Ором расадхонаи баҳри кушод. Моҳӣ сайд мекунанд.

АЛЯСКИТ, чинси магмавӣ аз ҳели гранит. Таркибаш асосан аз шпатҳои даштии ишқорӣ, кварц ва альбит иборат. Сохташ дона-дона, баъзан порфиришакл. Рангаш сурхи чигарӣ, гулобӣ, сафедча. Бори аввал дар нимҷаз. Аляска ёфт шуда, ҳамин номро гирифтааст. Дар кӯҳҳои Осиёи Миёна (аз ҷумла Тоҷикистон) вомехурад. А. чун масолеҳи биноҳорӣ ва навъҳои хушранги он барои кошинкорӣ ба кор меравад.

АЛГУЛ (ар. الغول — дев), β-ситораи бурҷи *Персей*. Кӯшаситорае мебошад, ки рӯи ситораи асосии (равшани) онро ситораи радифи (тираи) он тадричан пӯшида, тобиши вай дар давоми 2 шабонарӯзу 20 соату 49 дақиқа аз 2,2 то 3,5 қадри ситораи калуаи тағйир меёбад. Масофаяш аз Офтоб 36 *парсек*.

АЛӢ ИБНИ МАЪМӮН علی ابن مامون Абулҳасани Хоразмшоҳ (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими Хоразм. Солҳои ҳукмронаш 997—999. Сиёсати истиқлол ва тақвияти ҳарбии Хоразмро пеш гирифт. А. ҳаракати Абӯиброҳими Исмоил ибни Нӯҳи *Мунтасирро* бар зидди Қарахонӣён дастгирӣ кард. А. ба ҳоҳари Султон Маҳмуди Ғазнавӣ хонадор буд ва ин ҳолат барои ташкили иттифоқи зидди Қарахонӣён заминаи хубе ба вуҷуд овард. А. дар Гурганҷ рӯ ба рӯи кохи падари худ қасри наве сохта, назди он хиёбоне орост, ки ба Регистони Бухоро аҳаммият дошт. Мувофиқи маълумоти сайёҳони араб, дар он хиёбон бозори чорво буд.

АЛӢ ИБНИ МУҲАММАДИ САРАХСӢ علی ابن محمد سرخسی (с. тав. ва ваф. номаълум), меъмори нимаи аввали а. 12. Бо супориши амири Хуросон — Абӯсаид тарҳи манораи масҷидеро кашид ва сохтмонашро низ худ ба охир расонид. Ин ёдгорӣ дар Ҷарқӯрғон ҳоло ҳам боқист. Манор асосан аз хишти пухта бино ёфта, онро шаклҳои фаровони ҳандасӣ зинат медиҳанд, ки низ аз хишти пухтаанд. Қисми болоии манора бо катибаҳои хати куфӣ оростааст. Тарҳ ва сохтмони корвонсарои Работи Шарифи Хуросон низ амали ин меъмор мебошад (1114—15).

АЛӢ ИБНИ ҲИЛОЛ علی ابن هلال машҳур ба Ибни Баввоб (с. тав. номаълум — ваф. 1022, Бағдод), хаттот. Яке аз шогирдони хушнависи машҳур *Ибни Муқла*. Хатҳои сулс, муҳаққақ, райҳон, тавқеъ, насх, риқоъро хеле хуб менавишт ва дар такмили онҳо саҳми бисёр гузоштааст. Курсӣ (мутаносибии қисмҳои ҳарф дар сатр), ташмир (усули кашидани думи ҳарфҳо), сууду нузул (усули болову поён кашидани элементҳои ҳарф) барои қоидаҳои хушнависро муайян намуд, ки бо номи «Равиши Ибни Баввоб» машҳур аст. Асосан бо китобати Қуръон машғул шудааст. *Еҳуди Мустаъсимӣ* аз шогирдони маъруфи ӯст. *А. Нуров.*

АЛӢ ИБНИ ҲОШИМ علی ابن هاشم (с. тав. ва ваф. номаълум), машшоқ, оҳангсоз ва мусиқишиноси а-ҳои 9—10. Ҷои ваф. Бағдод. Сапъати мусиқиро дар зодгоҳаш Исфаҳон омӯхтааст. А. ибни Ҳ. дар илми мусиқӣ таълифоти бисёре дорад. Рисолаи «Китоб-ул-ғиноъ ва-л-иқоъ» («Китоби сурудҳо ва зарбҳои мусиқӣ») аз навиштаҷоти ӯст.

АЛӢ ХУШ, Хушмуҳаммадзода Алӣ (1912, Ғарм — 1942), нависанда ва журналисти советии тоҷик. Аз оилаи деҳқони камбағал. Пас аз хатми мактаби нав аввал дар ташкилоти маҳаллии Қаротегин, баъд дар комитети революционии Нусратобод (пос. Навободи ҳозира) кор кардааст. Курси дусолаи таълиму тарбиии Самарқандро (1928—30) хатм намуда, бо тавсияи КМ комсомоли Тоҷикистон ходими адабӣ ва мудири шӯъбаи газетаи «Тоҷикистони Сурх» таъин шудааст. Дар съезди якуми нависандагони Тоҷикистон ба ҳайати котибот интихоб гардид ва муддате мудири фонди адабӣ (литфонд) буд.

А. Х. муаллифи маҷмӯаи ҳикоя ва очеркҳои «Шестопалов» (1934), «Шӯриши Усмон» (1934), «Ҷавонони далер» (1937) ва мақолаҳои публицистӣ ва адабию танқидӣ мебошад. Баъзе порчаҳои повести «Ду фронт»-аш дар саҳифаҳои матбуот ба табъ расидаанд. Дар ҷамъоварии материалҳои фольклорӣ иштирок намудааст. Дар баъзе асарҳояш «Найистонӣ» тахаллус карда, чун Алӣ Хуши Найистонӣ низ машҳур аст. Маҷмӯаи ҳикояҳояш «Дар бағали кӯҳҳо» нашр шуд (1962). Аз с. 1934 узви ИН СССР буд.

АЛӢ ШАЙХ АБУЛҲАСАН علی شیخ ابوالحسن ибни Усмони Ҳаҷеварӣ (1010—1072, Лоҳур), шоир, нависанда ва донишманди мутасаввифи форсӣтоҷик. Дар Ҳаҷевар (наздики Ғазнин) тав. ёфта, солҳо дар Лоҳур умр ба сар бурдааст. Аз ин сабаб ба Шайх Алии Ҳаҷеварии Лоҳурӣ низ шӯҳрат дорад. А. таснифоти фаровоне аз худ боқӣ гузоштааст, ки дар онҳо асосан аз боби тасаввуф сухан меравад. «Виҷдон», ки бо унвони «Девони Алӣ» низ маъруф аст, «Минҳоҷ-уд-дин», «Китоб-ул-фано ва-л-бақо», «Китоб-ул-баён», «Баҳри қулуб», «Кашф-ул-маҳҷуб» ва г. аз ҷумлаи таълифоти А. мебошанд. Хусусан «Кашф-ул-маҳҷуб» шӯҳрати калон дорад. Ин китоб аз намунаҳои аввалини насри соддаи форсӣ-тоҷикӣ буда, шарҳи аҳвол ва ақоиди суфиҳо, фарқи фирқаҳои мухталифи суфиёро дарбар гирифтааст. Дар ин китоб бисёр истилоҳоти нави тасаввуфӣ мавҷуданд, ки аз ихтироотии А. буда, дар асарҳои минбаъдаи ин фан васеъ истифода шудаанд.

А. Гаффоров.

«АЛ-ҚОНУН» (номи пурраяш القانون فی الطب «Ал-Қонун фи-т тибб»), шоҳасари тиббии Абӯалӣ ибни Сино, ки дар с-ҳои 1000—1020 ба забони араби таълиф шудааст. «А.-Қ.» саманаи риёзат ва таҷрибаи фаровони илмию амалии олим ва ҳакими бузург буда, тамоми дурдонаҳои осори тиббии гузаштагон, аз ҷумла мероси илмии Юнону Рими бостонӣ, Ҳиндустону Хитой, Эрону Осиёи Миёнаро низ дар бар гирифтааст. «А.-Қ.» асарест мукаммал, баландмазмун, мураттаб, ки кулли масъалаҳои тиббро бо асосу далелҳо ҳарҷониба инъикос менамояд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ (а. 12) гуфтааст, ки пас аз мутолиаи «А.-Қ.» ҳоҷат ба дигар китобҳои тиббӣ наяфтад. «А.-Қ.» аз 5 китоб иборат аст, ки ҳаҷми онҳо беш аз 200 ҷузъи таълифиро ташкил медиҳад. Китоби якуми «А.-Қ.» аз баёни ҳадди тиб, мо-

Унвони китоби «Ал-Қонун» ба забони арабӣ

ҳият ва вазифаҳои он, қисмҳои илмӣ ва амалӣ огоз ёфта, дар бораи моиҳо, мизоҷҳо, хилтҳо, сохт ва вазифаҳои аъзои бадани инсон (устухонҳо, бандҳо, мушакҳо, асабҳо, пайҳо, бандакҳо, рагҳо); қувватҳо (табиӣ, ҳайвонӣ, нафсонӣ); ҳол ва кори муътадили узвҳо ва тағйироти онҳо ҳангоми беморӣ; сабаб, аломат ва зуҳуроти бемориҳо; наба (анвоъ, ва тағйироти он); сабабҳои тандурустӣ ва беморӣ ва нигоҳдории бадани марг; парвариши тифлон, бемориҳо ва муолиҷаи онҳо, режими навраси, болиғон ва пиронсолон, ҳаракатҳои ҷисмонӣ, масҳ (массаж), ҳаммом, режими хӯрок, машрубот, ҳоб ва бедорӣ, режим дар ҳар фасли сол, тавсия ба мусофирон; асари тағйироти шароити ҷуғрофӣ ва иқлимӣ ба саломатӣ (баландӣ, пастӣ, биёбон, кӯҳистон, мамлакатҳои ҷанубӣ ва шимолӣ, нами баҳр, гармӣ, хунукӣ, тарӣ, хушкӣ) ва тадбирҳои ҳифзи саломатӣ, усулҳои умумии табобат, ба ҳӯр бурдани ҳимола, дорухои қайвор, мусҳил, марҳамҳо, фасд, ҳаҷомат, зимод, зулук, усулҳои ҷарроҳӣ (ҷиҳ кардани думмалу дабила, сӯҳидан ва доғ кардан); маслиҳати аз ҷӣ сар кардани табобат ва г. маълумоти муфассал медиҳад. Китоби дуюм ба давоҳои муфрада (содда, ҷузъӣ), ба таъсир, ҳислат, тарзи гирифтан, нигоҳ доштан ва истеъмол 811 навъи дорухои ҳаётӣ, ҳайвонӣ ва маъданӣ бахшида шудааст. Дар ин китоб диққат ба ҳимоҳои дорушиносӣ (фармакология), дорусозӣ (фармация) ва муайян кардани хосиятҳои давоҷот (фармакогнозия) маълумотҳо оварда шудаанд. Як қисми доруворихоеро, ки дар «А.-Қ.» зикр ёфтаанд, Ҷолинус (Гален) ва Дисфурис дар китобҳои худ ном бурдаанд, лекин қисмати дигарашон давоҳоеанд, ки дар китобҳои қадима номи онҳо наёмада ва тарзи истеъмолашон низ баён нашудааст. Китоби сеюм зикри касалиҳои мухталифи аъзои одамиро аз фарқи сар то нохуни пой дар бар мегирад. Дар ин ҷо Ибни Сино пеш аз баёни касалии ҳар узв ё системаи узвҳо анатомия ва физиологияи онҳоро низ мавриди баҳс қарор додааст. Муаллиф беморихои асаби-рӯҳӣ (дарди сар, ҳазён, камақлӣ, ихтилоли хотира, васвос, молихулиё, қутруб, саръ, кобус, саргардиш, кузоз, фалаҷ, лақва, раъша ва г.), амрози чашм, гӯшу бинӣ, ҳалқ, даҳон, забон, дандон, аъзои танаффус, сина, дил, аъзои ҳозима, ҷигар, заҳрдон, испурч, гурда ва роҳҳои пешоб, узвҳои ҷинсии мардона ва занона ва масъалаҳои момоиро ба тафсил баён кардааст. Китоби чорум ба шикастабандӣ ва ҷарроҳӣ (шикастан ва баромадани устухон, ба думмалу дабила, сӯхтагиҳо, захмҳо, решҳо, хунравиҳо, пӯсиши узвҳо, зарбу латҳо, омосҳо ва г.), ба касалиҳои вогир ва сироятҳо (нарзак, тоун, вабо, сурхча, ханозир, ҳорӣ ва г.); амрози ҷилдӣ ва ҷимоӣ (барас, ҷузом, хориш, куфт, сӯзок ва г.); анвоъ ва илоҷи таб; ба воситаҳои пардозу ороиши бадан, дафъи баъзе нохушиҳо ва заҳрҳо бахшида шудааст. Китоби панҷум ба давоҳои мураккаб ва дастури дорусозӣ (фармакопея) онд аст.

Унвони китоби «Ал-Қонун», ки дар Венеция нашр шудааст.

«А.-Қ.» баъди таълиф шуданаш зуд шӯҳрату эътибор пайдо кард. Онро дар а. 12 Жерар Кремон ва Алпагус ба лотинӣ, с. 1279 Натантом Меатӣ (Ҳамматӣ) ба забони ибрӣ тарҷума карданд. Баъди ихтироъ санъати чоп «А.-Қ.» дар қаторҳои китобҳои мӯътабари замон ба забони лотинӣ дар навбати аввал нашр гардид (1473). Аз а. 15 то а. 17 аз ҷиҳати адади нашр ҳариф ҳеҷ китоб ба он баробар шуда наметавонист.

«А.-Қ.» ба шакли мукаммал ҳариф 40 маротиба ва ҷузъҳое аз он садҳо бор ба забонҳои гуногуни халқҳои ҷаҳон интишор ёфтааст. Аз сабаби бузургии ҳаҷм бисьёр нусхаҳои мухтасари он мураттаб ва нашр гардиданд, ки машҳуртарини онҳо таснифи Ибни Нафисӣ «Ал-мӯҷиз» буда, с. 1828 дар Калкутта ба табъ расидааст. С-ҳои 1954—60 олимони советӣ онро ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ тарҷума карда, дар Тошкент интишор намуданд.

Дар ҳама фаслу бобҳои «А.-Қ.» фикру мулоҳиза ва таъбиру тавсияҳои тоза дида мешаванд, ки баъзеи онҳо то алҳол моҳияти худро гум накардаанд. Чунончи, нахустин бор дар таъриҳи илми тиб дар «А.-Қ.» ишорате ба ангезаи беморихо — ба микробҳо рафтааст. Ибни Сино мегӯяд, ки дар муҳити беруниӣ ҷонварони касалиовар мавҷуданд, ки ба чашм наменамоянд. Ӯ дар хусуси ба воситаи об, ҳаво ва ғизо паҳн гаштани беморихои сироятҳунанда (вабо, тоун, нарзак) сухан ронда, зарурати ҷӯшондан ё соф кардани оби нӯшокиро таъкид намудааст.

Дар «А.-Қ.» аломатҳои бисьёр беморихо бароят мукаммал ва сареҳ зикр ёфтаанд. Мас., аломатҳои касалии ҳанд (диабет) ин тавр баён шудааст: бемор бисьёр ва зуд-зуд пешоб мекунад, бисьёр об менӯшад ва хӯрок меҳӯрад, ҳароб мешавад, гоҳо ягон аъзои баданаш менӯсад, пешобаш ӯ шаффоф, вазнин, фаровон ва баъди бухор шудан таҳнишини он ширин мешавад. Ӯ ба масъалаи шинохтани дард аз рӯи тағйироти пешоб (ранг, бӯй, таъм ва г.) аҳамияти ҷиддӣ дода, мегӯяд, ки ҳар як марҳалаи беморро дигаргунии хоси пешоб ҳамроҳӣ мекунад.

Қимати «А.-Қ.» нафақат дар он аст, ки маълумоти аниқу дақиқи мукаммал медиҳад, балки низ дар ин аст, ки аз ҳукмҳои ғайрилмӣ ва суннатҳои схоластикии хоси асрҳои миёна фориг аст. Чунончи, муаллиф «А.-Қ.»-ро ба номи сохибдавлате бахшидааст, вазъи бемор ва муолиҷаи онро бо нуҷум (ҳолати кавокиб ва сайёрагон ва таъсири онҳо) вобаста наменамояд. Ибни Сино «А.-Қ.»-ро дар асоси тасаввуроти дурус-

Унвони китоби «Ал-Қонун», ки ба забони русӣ нашр шудааст.

ти илмии таъсири муҳит ба инсон ниҳодааст. Чунончи ӯ мегӯяд:—«табиати халқе, мас., ҳиндуҳо ё исавиҳо ба шароити иқлими онон мусоид аст. Ҳаман ҳиндуҳоро як ниҳод хос аст, ки бояд саломатии онҳост, аммо исавиён табиати дигари ба худ хос доранд, ки саломатии ононро нигоҳ медорад. Агар ҳиндуро табиат бо табиати исавӣ иваз гардад, бемор ё ҳалок мешавад ва баръакс». Боз гуфта мешавад, ки ҳар одам мизоҷи муайян ва ниҳоди ҷисми ӯ хислати хос дорад. Аз ин ҷост зарурати таъин намудани дору мувофиқи табъи ҳар як одам; «доруе, ки ба Аҳмад гармӣ мекунад, ба Зоҳид чунон таъсир надорад».

Ибни Сино дар огози китоби якум дар бӣни илмӣ тиб навиштааст; «ман тасдиқ мекунам: тиб илмест оид ба донистани тани инсон дар вазъи саломатӣ ё беморӣ ва ба инсон баргардонидани саломатӣ, ки рӯ ба заъф овардааст... Вақто ки мегӯянд тиб иборат аст аз назария ва амалия, гӯмои набояд кард, ки бахше аз тиб дироят асту бахше амал (ки баъзе муҳаққиқонро ин масъала чунин менидоранд). Баракс, бидон, ки маъноро ин дигар аст, яъне ҳар ду бахши тиб илм аст, яке илми асосҳои тиб, дигаре илми тарзи табобат». Бо ин суханон Ибни Сино ҳамбастагии назария ва амалиро тибро ба хубӣ нишон медиҳад.

Ҷарроҳии Ибни Сино ҳарчанде дақиқ ва хеле ҷолиби диққат аст. Ӯ чандин хел олатҳо ва усулҳо, мас., усули гирифта партофтани санги масонаро ихтироъ ва ҷорӣ намуда, бо ин илму санъати ҷарроҳиро такмил ва тараққӣ додааст.

«А.-Қ.» беш аз 500 сол дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои тиббии ҷаҳон чун китоби дарсии асосӣ ва дастуруламал хизмат кард. Асарҳое, ки ҳакимони мишбаъда дар илми тиб ба забонҳои арабӣ ва форсӣ таснифкардаанд, ба «А.-Қ.» асос ёфта ва аксар таклиде ба онанд. Бисьёр қоидаҳои назофат ва нигаҳдории тандурустӣ, усулҳои пешгирӣ ва дармони дардҳо, ки дар «А.-Қ.» зикр ёфтаанд, асоси тибби халқии Шарқ гардида, дар байни мардум маъмул шудаанд.

Ад.: Канон врачебной науки, кн. 1—5, Ташкент, 1954—60. *М. Л. Расулов, Ю. Н. Нуралиев.*

«АЛ-ҲОВӢ» (ар. الحاوي дарбаргиранда), асари Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар тиб. Бори аввал с. 1486 ва минбаъд с-ҳои 1509, 1542 бо номи «Continens Rasis» дар Италия ба лотинӣ тарҷума шудааст. Дастхатҳои он бо номи «Ал-Ҷомеъ-ул-ҳозир ли синоат-ит-тиб» ва «Ал-Ҷомеъ-ул-кабир» дар китобхона-музейи Италия, китобхонаҳои Мюнхен, Оксфорд, Кембриҷ, дар Испания, Истанбул, Ромпур, Мадрас, ва г. маҳфузанд. Розӣ дар асар ҳаман беморихои мушоҳидакардааш ва муолиҷаи онҳоро зикр кардааст. Бино ба маълумоти Беруни асар аз 13 фасл иборат аст: беморӣ ва муолиҷаи беморон, ҳифзи сиҳат; бахия (чоки захм), шикастабандӣ ва захмҳо; нерӯи дорухо, ғизо ва диг. моддаҳо, ки дар тиб истифода мешаванд; дорухои мураккаб, санъати тиб, дорусозӣ, рангу таъм ва бӯи дорухо; навъи баданҳо, вазнҳо ва кайлҳо (ченакҳо); шарҳу вазифаҳои аъзо; иллат ва сабабҳои табиии санъати тиб; нахустин истилоҳоти тиббӣ ва муқаддиман тиб. *К. Иброҳимов.*

АЛҲОН (ар. الحان ҷамъи лахн لحن — овоз, хониши хуш), садоҳои мусиқӣ, ки бо ҳам баробаранд. Хониши оҳангдори шеър ва нагмаи булбул бо А. алоқаманд аст. А. аз савтҳои мусиқӣ ба ҳам омада ба шунаванда лаззат мебахшад. Дар А.-и мусиқӣ эҳсосоти нозуки инсон, ғаму андӯҳ, шодию сурур, ҳаячон ва г. ифода меёбанд. А. шаш навъ аст: 1) А.-и басита, ки аз савтҳои содда таркиб ёфта, бо вазн, зарб ва усули муайянии мусиқӣ ичро мешавад. 2) А.-и инфиолия, асари мусиқие, ки дар оҳангу матни он ғаму андӯҳ, ҳаҷру фироқ инъикос меёбанд. «Гирья», «Гирьёнқазоқ», «Савти гирья» аз ҷумлаи оҳангу таронаҳои халқию классикии тоҷик мебошанд, ки дар А.-и инфиолия эҷод шудаанд. 3) А.-и мулаззаз асари мусиқии дилпишин, тарона ва оҳангҳое, ки дар матн ва мусиқии онҳо зебоиҳои олам бо образ ва ифодаҳои дилкаши мусиқӣ тасвир шуда, ба шунаванда лаззати эстетикӣ мебахшанд. Дар А. м. хусусиятҳои беҳтарини санъати мусиқӣ таҷассум ёфтаанд. 4) А.-и мухайяла асарҳои мусиқии хаёлӣ, таронаҳое, ки ба шунаванда таъсири амиқи психологӣ мерасонанд. Дар ин гуна асарҳои мусиқӣ тасвири романтикии табиат, наботот, ҳайвонот ва г. ифода ёфтааст. «Савора», «Чӯпонӣ», «Зоғ» «Сорбон», «Ракб», «Кӯҳистонӣ», «Сарахбори кӯҳистонӣ», «Роки Дарвоз» барои таронаву оҳангҳои халқию классикии тоҷик, ки намунаҳои А. м. мебошанд, хеле машҳуранд. 5) А.-и хаттия (тарона), асари мусиқиист, ки дар қисмати овозии он оҳангдорӣ мавқеи асосӣ надорад. Дар А. х. агарчи савт ва оҳанг мақом доранд, дар қисмати таронавии он нафосати мусиқӣ эҳсос намешавад. 6) А.-и ҷирмия асари мусиқиист, ки нагма ва усули доиравии он (зарб, вазн, усул) бо матн мутаносибан ичро мешавад. Дар А. ҷ. бештар тавсифи ҷирмҳои осмонӣ, коинот ва муносибати инсон ба онҳо ва г. оварда мешавад. Дар истилоҳоти мусиқии ҳозира А. ҷ. тақрибан ба мусиқии вокалӣ (овозӣ) баробар аст.

Ад.: Рачабов И., Мақомлар. Тошкент, 1963; Бадалбейли А., Мусиқи луғати, Бакы, 1969. *А. Рачабов.*

АЛҶАБР ВА-Л-МУҚОБАЛА (ар. الجبر — барқарор кардан ва المقابلة — қиёс намудан), методи алгебравие, ки Абӯабдулло Муҳаммад ибни Мӯсо *Хоразмӣ* (780—850) барои ҳал кардани муодилаҳои квадратӣ татбиқ кардааст. Аъзоҳои муодила аз решаҳо, квадрати онҳо ва аз ададҳои доимӣ иборат шуда метавонанд. Мас.,

$$3x^2+40-15x=30+2x^2-8x \qquad (1)$$

Одатан муодилаи мазкурро ба шакли

$$x^2-7x+10=0 \qquad (2)$$

оварда, баъд ҳал мекунанд. Дар асл муодилаи (1) ба шакли (2) дар натиҷаи истифодаи усулҳои «алҷабр» ва «алмуқобала» оварда мешавад. «Алҷабр» мусбат гардонидани аъзоҳои манфии муодила мебошад, ки моҳиятан аз як тараф ба тарафи дигари муодила гузарондани аъзои манфии он аст

$$3x^2+40+8x=30+2x^2+15x$$

Мувофиқи методи «алмуқобала» аъзоҳои монандро ихтисор бояд кард. Барои ин аъзоҳои монандро муқоиса намуда, аз аъзои калон аъзои ба он монанди хурдро тарҳ кардан лозим аст:

$$x^2+10=7x$$

шакли умумии ин муодила

$$x^2+c=bx$$

ва шакли каноникии он

$$ax^2+c=bx$$

мешавад. Ҳар ду тарафи ин муодиларо ба a тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$$x^2+q=px \qquad (3)$$

ки ҷо $p=\frac{b}{a}$, $q=\frac{c}{a}$ аст. Хоразмӣ

халли муодилаи намуди (3)-ро дар шакли

$$x = \frac{p}{2} \pm \sqrt{\left(\frac{p}{2}\right)^2 - q} \qquad (4)$$

медиҳад. Ҳоло муодилаи (3)-ро ба намуди

$$x^2 + px + q = 0$$

меҳисобанд, бинобар ин, формулаи (4) чунин шаклро мегирад:

$$x_{1,2} = -\frac{p}{2} \pm \sqrt{\left(\frac{p}{2}\right)^2 - q} \qquad (4')$$

Хоразмӣ бо татбиқ намудани методи «Ал-ҷабр ва-л-муқобала» методҳои пешиниро, ки барои ҳалли ҳар як муодилаҳои дараҷаи якум ва дуюми конкретӣ алоҳида татбиқ мешуд, абстракция намуда, дар шакли методи муайяни умумиятдоштаи ва асосии соҳаи илми алгебраро ба вуҷуд овард.

«АЛ ЧАВДИЯ» (الجودية) «Некӣ ва нек шудан», рисолаест дар боби тиб. Мутааллиқ ба қалами Абӯалӣ ибни Сино буда, соҳаи 1005—10 ба забони тоҷикӣ нишр шудааст. Ҳаҷму маҳтуи, забону баёни «А.-Ч.» шаҳодат медиҳад, ки вай барои омма бо мақсади ҳифзи саломатӣ, баланд бардоштани савияи донишҳои тиббии мардум ва ҳаҷот додан аз баъзе иллатҳои одӣ навишта шудааст. Муқаддимаи рисола бо ин сатрҳо сар мешавад: «...Бидон, ки ҳамаи иллатҳо аз хурдани бисёру ҳуфтани бисёр ва хуфтани бисёру мушкилоти бисёр падид оянд. Аз хурдани бисёр меъда табоҳ шавад ва ҷигар заиф шавад ва дарди шиками гурда падид оянд ва ногувориш ва бадҳазмӣ, зиштӣ, тухма ва сустиҳо ва зуҳо бувад. Ва аз хоби бисёр зардии рӯй ва гаронии тан бошад ва магз тиҳӣ гардад ва чашм биомосад, савдо ғолиб шавад. Ва аз бисёр ҳуфтан дарди сар ва шақиқа бувад ва ҳарорати сафро ва зиёдатии ранҷ ва ба охири умр иллатҳои саъб ориз гардад. Ва аз мушкилоти кардани бисёр гурда заиф шавад ва тан лоғар гардад ва чашм торик ва магз хушк шавад ва лаззати шаҳват дарнаёбад ва рӯяш зуд сафед шавад ва пӯсти бадан дурушт гардад».

«А.-Ч.» аз 8 боб иборат буда, дар онҳо дар бораи илоҷи баъзе беморӣҳои чашм (пурхунӣ, тухмак, илтиҳоб ва об рафтани чашм, шабкӯрӣ, рехтани мижа), дандону даҳон (дард ва хунравии дандон, бӯи бад ва об рафтан аз даҳон ва г.), меъда, ҷигар, ҳаҷ, кирми меъда, қуланҷ, дарди нофу заҳор, калаф, таб, хориши андом, моргазида, мӯйреза, беҳаҷмӣ, ҳазм, ҳаҷ, ҳаҷ, ҳаҷ

АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ. ХАРИТАИ ТАБИӢ



АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ. ХАРИТАИ СИЕСӢ

АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ, ХАРИТАИ ГЕОЛОГӢ

АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ. ХАРИТАИ ЭТНОГРАФӢ

ІЕРИКАИ ҶАНУБӢ. ХАРИТАИ ТАБИӢ

АМЕРИКАИ ҶАНУБӢ, ХАРИТАИ СИЕСӢ

МЕРИКАИ ҶАНУБӢ, ХАРИТАИ ГЕОЛОГӢ

ти байналхалқӣ (Дор-ул-Байзоъ). Корхонаҳои коркарди металл, нефть, саноати хӯрокворӣ, химия, цемент, коғазу целлюлоза, бофандагӣ бештар тараққӣ намудаанд. Ун-т, ин-ти х. к., мактаби олии савдо, расадхона, боғи ботаникӣ, китобхонаи миллӣ, музейҳо (санъати тасвирӣ, санъати атиқа, этнографӣ, санъати Африка) мавҷуданд. А. а. 10 дар ҷои харобаи бандари хурди румиён Икозиум бино ёфтааст. Боғҳояш бисьёранд. Ёдгориҳои меъмории шаҳр: Масҷиди калон (1096), оромгоҳи Сидӣ Абдурраҳмон (1611), масҷиди Ҷомеъ-ул-Ҷадид (1660) ва ғ. А.-ро франсавиён с. 1830 забт карда, ба маркази маъмурии мустамликаи худ Алҷазоир табдил доданд. С-ҳои ҷанги дуюми ҷаҳон (1939—45) А. қароргоҳи штаби фармондеҳии иттифоқчиён дар б. Миёнаазамин, дар давраи революцияи миллӣ-демократии Алҷазоир (1954—62) яке аз марказҳои ҳаракати ватандӯстони пинҳонкор буд. Аз с. 1962 пойтахти Республикаи Халқии Демократии Алҷазоир.

АЛҶАЗОИР. Республикаи Халқии Демократии Алҷазоир الجمهورية الجزائرية الديمقراطية الشعبية (РХДА) — давлат дар Шим. Ғ. Африка. Бо Марокаш ва Сахрои Кабири Ғарбӣ (дар Ғ.), Мавритания ва Мали (дар Ҷ. Ғ.), Нигер (дар Ҷ. Ш.), Либия ва Тунис (дар Ш.) ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 2382 ҳаз. км². Аҳол. 15,8 млн наф. (1975). Пойтахташ — ш. Алҷазира. А. аз ҷиҳати маъмурӣ ба 31 вилоят тақсим мешавад.

Сохти давлати. А. республикаи халқии демократист. Органи олии ҳокимияти давлатӣ — Совети революционӣ (иборат аз раис ва 14 аъзо) буда, он ҳукумат — Совети вазиронро ташкил мекунад. Ваколати қонунгузорӣ бар ӯҳдаи Совети революционӣ ва Совети вазирон гузошта шудааст.

Табиат. А. қисми марказии кӯҳҳои Атлас ва биёбони Сахрои Кабирро дар бар мегирад; кишварест бо кӯҳҳои нисбатан паст ва ҳамвориҳои баланд: қ. кӯҳҳои калони Атлас-ут-Тал ва Атласи Сахрои Кабир, массивҳои Варсенис (Сидӣ Умар, 1985 м), Кабилияи Калон ва Кабилияи Хурд (бал. то 1200 м), Хӯзна ва Аҳрос (Шалия, 2328 м). Терр. Сахрои Кабир аз биёбонҳои санглох (ҳоммада), регзор (ирқ), кӯҳсори Аҳаггар ва пуштакӯҳҳо иборат аст. А. конҳои калони нефть, газ табиӣ, маъданҳои оҳан, сурбу рӯҳ, фосфорит ва симоб дорад. Иқлими шимоли А. — субтропикии хоси соҳили б. Миёнаазамин; ҳарор. миёнаи янв. дар соҳил 12° С, дар ҳамвориҳои баландӣ то 5° С, июль 25° С. Боришоти солона дар шимол зиёдтар аст: дар Кабилия то 1200 мм, дар Атлас-ут-Тал 600—800 мм. Максимуми мутлаки ҳарор. дар ҳама ҷо аз 40° С баланд аст. Хушксолӣ тез-тез рӯй ме-

Массиви Варсенис дар қ-кӯҳи Атлас-ут-Тал

диҳад. Дар минтақаи паздики Сахрои Кабири А. иқлим хушктару нимбиёбонист (боришоти солона — 200—400 мм, ҳарор. миёнаи июль аз 30° С баланд), дар Сахрои Кабир иқлим биёбонии бениҳоят хушк (боришоти солона камтар аз 50 мм). Дар А. дарьёҳо каманд (д. калонтарин Шелиф, дарозиаш 700 км); барои обьёрӣ ва қисман ҳосил кардани энергияи электрик истифода мешаванд. Сахрои Кабир, хусусан дар қисми шим., захираи зиёди обҳои зеризамини дорад. Наботот ва ҳоки қисми шим. А. ва каронаҳои б. Миёнаазамин бо ҳам монандаанд. Дар байни ҷангалу бутазорҳо бешаи дарахтони булути пӯк, дар нимбиёбон альфа ном гиёҳ мавҷуд аст, ки аҳамияти калони хоҷагӣ дорад. Аз ҳайвонот ширхӯр дар шим.-и А. макаки барбарӣ (маго), харгӯш ва гуроз, дар қисми шим. Сахрои Кабири А. кафтор, шагол, рӯбоҳ ва ғ. боқӣ мондаанд; баъзан ғилол ва оҳу вомехӯрад. Ҳоиндаҳои майда, кӯршабпарак, парранда-ҳои сӯҳибчангол, ҳазандагон (калтакалос, сусмор, зиёда аз 20 намуди мор, сангпушт), ҳармагас, малах, каждум, ғунда, филлоксера ва ғ. бисьёранд.

Аҳолӣ. Аҳолии аслӣ — алҷазоириҳо (98,4%) асосан авлоди барбарҳо ва арабҳои қадим мебошанд. Ҳоричиён, асосан французҳо — қариб 50 ҳаз. наф. (1968). Алҷазоириҳо мусулмони суннимазҳаб буда, дини давлатӣ ислом аст. Забони расмӣ — араби, як

Шаҳри Ал-Водӣ дар Сахрои Алҷазоир

Шаҳри Вуҳрон. Намуди умумӣ.

қисми аҳолӣ ба забони барбарӣ гуфтугӯ мекунад (қабилиҳо ва туарегҳо). Зиёда аз 95% тамоми аҳолӣ дар шимоли А., асосан дар Қабилия зиндагӣ мекунанд. Дар ин ҷо зичии аҳолӣ дар 1 км² ба 230 нафр. мерасад, дар сурате ки зичии миёнаи аҳолӣ дар мамлакат дар 1 км² 5 нафр. аст. Сеяки аҳолӣ дар шаҳрҳо истиқомат доранд. Шаҳрҳои калонтарин: Алҷазира (1,5 млн нафр. бо аҳолии атрофаш), Вуҳрон (Оран), Қустантин (Константина), Аннаба, Балида, Сатиф ва Сиди Бил-Аббос.

Очерки таърихӣ. Қасабаҳо дар ҳудуди А. 300—400 ҳаз. сол қабл вуҷуд доштанд. Аввалин колонияҳои финиқиён а. 12 то м. пайдо шуданд. Дар а. 3 то м. иттифоқҳои байниқабилавӣ миссилҳо ва мазезилҳо ба миён омада, дар охирҳои а. 3 дар дав-

лати ягонаи Нумидия муттаҳид гардиданд. Бисьёр шаҳрҳо, аз ҷумла Цирта (Кустантини ҳозира) сохта шуда, ҳироатпарварӣ пеш рафт. Вале подшоҳи Нумидия ба ҳуҷуми римиён тоб оварда натавонист: Нумидия аз тарафи онҳо забт ва ба музофоти Рим (с. 46 то м.) табдил дода шуд. Дар давраи ҳукмронии давлати Рим забони лотинӣ ва дар а. 2 дини насронӣ паҳн гардид. А.-ро а. 5 вандалҳо ва а. 6 византиягиҳо забт карданд. Дар ин давра аввалин муносибатҳои феодалӣ ба миён омаданд. Аммо дар ноҳияҳои дурдасти биёбонӣ ҳанӯз сохти ҷамоаи ибтидоӣ ҳукмрон буд. Дар а. 7 сарзамини А. аз тарафи арабҳо истило ва ба ҳайати хилофати араб дохил карда шуд. Аксарияти қабилаҳои барбарҳо бо арабҳо омезиш ёфта, дини исломро қабул карданд. Аввалҳои а. 16 А.-ро испанҳо ишгол намуданд. Дар нимаи а. 16 А. музофоти империяи Усмонӣ (Туркия) ва тобеи султонҳои турк гардид, ки ҳокимияти онҳо танҳо аввалҳои а. 18 аз байн рафт. С. 1830 қӯшунҳои Франция пойтахти А.—Алҷазираро ишгол карданд. Аз ҳамин вақт А. мустамликаи Франция шуд ва ин то с. 1954 давом кард. Дар ин давра муносибатҳои капиталистӣ ва муборизаи миллии озодихоҳӣ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтанд.

Аз с. 1919 дар зери таъсири Рев. Каб. Соц. Октябрь ҳаракати коргарӣ авҷ гирифт. С. 1920 аксарияти гурӯҳҳои социалистии А. ба Партияи Коммунистии Франция ҳамроҳ шуданд. Барои бар Франция ғалаба кардани Фронти халқӣ (1936) ба алҷазоириён баъзе озодиҳои демократӣ дода шуд. Партияи Коммунистии Алҷазоир (таъсисаш с. 1936) бо ҳамроҳии партияҳои диг. ба Конгресси мусулмонон дохил шуд, ки он бо роҳи осоишта демократӣ кунонидани А.-ро мақсади худ қарор дод. Баробари сар шудани ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) дар мамлакат реакция авҷ гирифта, Партияи Коммунистии Алҷазоир ва Партияи Халқии Алҷазоир манъ карда шуданд (1939). А. ба манбаи ашёи хом ва ҳуқуқвории Германия ва Италия табдил ёфт. Нояб. 1942 ба ҳоки А. десанти Англия ва ШМА фароварда шуд. Дар ҷангҳои муқобили армияҳои фашиста, ки дар Тунис буданд, қӯшунҳои француз (аксар алҷазоириҳо ва марокашиҳо) низ ҳамроҳи иттифоқчиён иштирок намуданд. Нояб. 1943 дар терр. А. Комитети Франсаваи озодии миллӣ ташкил гардид. Баъди муборизаи дурудароз дар парламенти Франция Низомномаи с. 1947 эҷоб ба гардани А. бор карда шуд, ки мувофиқи он маъмурияти мустамликавии Франция ҳуқуқҳои пурраи худро дар амал нигоҳ медошт. Бо вуҷуди он ки Низомнома «таъмини ҳуқуқи» алҷазоириёнро расман эълон кард, дар А. озодихоҳии демократӣ мисли пештара вайрон, интихобот сохтакорӣ ва муборизони роҳи истиқлолият сахт таъқиб карда мешуданд. Ватандӯстони А. с. 1954 «Комитети революционии ягонагӣ ва амалиёт»-ро ташкил намуданд ва дере нагузашта ин комитет ба Фронти озодихоҳии миллӣ (ФОМ) табдил ёфт. Шаби 1 нояб. 1954 шӯриши зидди империалистӣ сар зада, тадриҷан тамоми А.-ро фаро гирифт ва ба революциаи миллӣ-демократии зидди мустамликадорӣ мубаддал гардид. С. 1958 Ҳукумати муваққатии Республикаи Алҷазоир ташкил ёфт, ки онро бисьёр мамлакатҳои Осиё ва Африка, аз ҷумла СССР, ба расмият шиноҳтанд. Ҳукумати Франция чун боварӣ ҳосил кард, ки кӯшиши паҳн кардани ҳаракати озодихоҳии миллӣ дар А. барор нагирифт, сент. 1959 ҳуқуқи халқи А.-ро барои худмуайянкунӣ эътироф намуд. 18 марти 1962 созишномаҳои бас кардани оташ ва худмуайянкунии А. ба имзо расиданд. Дар референдуми 1 июли 1962 аксарияти куллии алҷазоириҳо ба тарафдории истиқлолият овоз доданд. Июни 1962 программаи нави ФОМ қабул шуд. 20 сент. 1962 интихоботи Маҷлиси муассисон баргузор гардид ва он А.-ро Республикаи Халқии Демократӣ эълон кард ва ба аввалин ҳукумати республика аъзои Бюрои сиёсии ФОМ Аҳмад бинни Биллоҳ сардорӣ намуд. 19 июни 1965 армия бинни Биллоҳро аз мансаб дур кард, ҳокимият ба дасти Совети Революционӣ гузашт ва вазири мудофиа Ҳуари Бумедьен сардори он шуд. Ҳ. Бумедьен 10 июни 1965 ҳукумати нав ташкил намуд. А. аъзои Лигаи мамлакатҳои араб ва Ташкилоти ягонагии Африка мебошад. Дек. 1963 байни СССР ва А. созишномаи ҳамкории иқтисодӣ ва техникӣ ба имзо расид. А. бо Булгория, Польша, Румыния ва диг. мамлакатҳои социалистӣ ҳам алоқаи зичи иқтисодӣ ва г. дорад. Ҳукумати А. ба Республикаи Миср Араб, Сурия ва Ӯрдун, ки июни 1967 ба ҳуҷуми Исроил гирифтор шуданд, мадади бисьёр расонд. А. муборизаи миллии озодихоҳонаи халқҳои Африкаро пурра тарафдорӣ намуда, ба онҳо ёрии моддӣ низ мерасонад.

Партияҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба. Партияи Фронти озодихоҳии миллӣ (ФОМ) — партияи ҳукмрон ва мувофиқи қонуни ягона партияи мамлакат. С. 1964 ташкил ёфт. Фаъолияти партияро Совети Революционӣ идора мекунад. Дар зери роҳбарии ФОМ инҳо амал мекунанд: Иттифоқи умумии меҳнаткашони Алҷазоир (1956 ташкил ёфтааст); Ташкилоти ҷавонони ФОМ (1963); Иттифоқи миллии занони Алҷазоир (1963); Партияи авангарди социалистии Алҷазоир (ПАС, с. 1968 таъсис ёфтаааст). Дар баёнияи ташкил ёфтани партия қайд шудааст, ки ПАС партияи марксистӣ-ленинии меҳнаткашони Алҷазоир мебошад.

Хоҷагӣ. А. мамлакати аграрист, аммо дар он саноат, хусусан маъдани кӯҳӣ, нисбатан тараққӣ кардааст. А. аз ҷиҳати ҳосил кардани ғазои табиӣ, ҷамъоварии ангур ва истеҳсоли шароб дар Африка ҷои якум, аз ҷиҳати истеҳсоли нефть, ғандум, ҷав, равғани зайтун ва меваҳои цитрусӣ ҷойҳои 2—3-юмро мегирад. Ҳукумати А. баъди ба даст овардани истиқлолият иқтисодиёти мустамликавиро ба иқтисодиёти миллӣ табдил дод. С. 1962—65 мулкҳои аҷнабиён мусодира ва бисьёр корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои савдо ва намудҳои асосии нақлиёт миллӣ кунонида шуданд. С. 1966 корхонаҳои саноати маъдани кӯҳӣ, с. 1967—68 як қатор ширкатҳои ҳориҷии саноати маснуот ва соҳаи тақсимот миллӣ кунонда, дар заминаи онҳо хоҷагиҳои ҳудидоракунанда ва корхонаҳои давлати барпо карда шуданд, ки якҷоя сектори асосии ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. С. 1971 дар натиҷаи қисман миллӣ кунонидани ширкатҳои нефту ғази Франция А. 77% истеҳсоли нефть ва 100% истеҳсоли ғаз, инчунин ҳамлу нақл ва софкории нефту ғазро тахти назорати худ гирифт.

Нурпошӣ ба иштиҳор.

Нисфи аҳолӣ дар х. қ. кор мекунад. Заминҳои х. қ. якҷоя бо ҷангалҳо — 44,2 млн га, заминҳои корам — 7—10 млн га, $^4/_5$ киштзорро ғалладона: гандуму ҷав, инчунин шолӣ, ҷуворимакка ва зироати лӯбиёӣ ишғол мекунад. Токдорӣ асосан дар шимоли ғарб, хусусан дар вил. Вуҳрон ривоҷ ёфтааст. Дарахти зайтун, меваҳои цитрусӣ ва хурмо мепарваранд. Сабзавоткорӣ дар соҳил ва атрофи шаҳрҳои калон ривоҷ дорад. Чорводорӣ қариб чорьяки тамоми маҳсулоти х. қ.-ро медиҳад. Ҷангалҳо асосан дар кӯҳҳои Атлас-ут-Тал боқӣ мондаанд. Ҷамъоварӣ ва коркарди аввалини альфа (соле 90—100 ҳаз. т) ба роҳ монда шудааст, ки аз он беҳтарин навъи коғаз тайёр менамоянд.

Соҳаи асосии саноат — саноати маъдан. Истеҳсоли нефть (45,4 млн т, 1975) ва гази табиӣ (7,2 млрд м^3, 1975) аҳамияти якумдараҷа дорад (зиёда аз 85% истихроҷ ва тамоми экспорти нефть дар дасти ширкати давлатии А. «Сонатрак» мебошад). Дар Шим. А. конҳои маъдани оҳан, рух, сурб, фосфорит ва ғ. истифода мешаванд. Соҳаҳои асосии саноати маҳсулотбарорӣ инҳоанд: саноати хӯрокворӣ (қариб $^1/_2$ тамоми маҳсулоти саноат), коркарди металл, цемент, бофандагӣ, дӯзандагӣ, софкории нефть ва химия.

Тӯли роҳҳои оҳан 4,2 ҳаз. км (1973), роҳҳои автомобильгард 37 ҳаз. км; дарозии умумии нефтепровод қариб 3,5 ҳаз. км ва газопровод 2,4 ҳаз. км аст. Қариб тамоми ҳамлу нақли савдои берунӣ бо нақлиёти баҳрӣ иҷро мегардад. Калонтарин бандарҳо: Баҷоия, Арзав, Алҷазира, Анноба ва Вуҳрон. Нақлиёти ҳавоӣ инкишоф меёбад. А. ба хориҷа асосан нефту газ (зиёда аз 84% тамоми арзиши экспорт), вино, мева, сабзавот, маъдани оҳан, тамоку ва коғаз мебарорад; аз хориҷа таҷҳизоти саноат, хӯрокворӣ (ғалла ва шир), маҳсулоти саноати сабук ва металл меорад. Алоқаи иқтисодии А. бо мамлакатҳои социалистӣ ва тараққикунанда, хусусан бо СССР, баъди с. 1962 хеле вусъат ёфт. Воҳиди пул — динори Алҷазоир. 100 динор = 17,29 сӯм.

Сохтмони з-ди металлургӣ дар Анноба.

Дар кони нефти Ҳосси Массауд.



Қувваҳои мусаллаҳ. Қувваҳои мусаллаҳи А. аз армияи миллии халқӣ ва жандармерияи ҳарбӣ иборатанд. Органҳои идораи олии ҳарбӣ — Вазорати мудофиа ва Штаби генералӣ. Сарфармондеҳи олии қувваҳои мусаллаҳ — раиси Совети Революционӣ. Армияи миллии халқӣ аз қӯшуни пиёдагард, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва қувваҳои ҳарбии баҳрӣ иборат аст.

Нигаҳдории тандурустӣ. Афзоиши ҳарсолаи табиии аҳолӣ 3,2%, фавти кӯдакон ба ҳар 1000 кӯдаки навзод — 150 нафар. Беморихои сироятӣ бештаранд. С. 1969 дар А. 149 беморхонаи давлатии дорои 39 058 кат (2,9 кат ба ҳар 1000 наф.), 1698 духтур (1 духтур ба 7860 наф.) буд. Ғайр аз беморхонаҳо с. 1970 ба аҳолӣ 261 маркази беҳдошти саломатӣ, 1005 пункти маслиҳати тиббӣ, 77 маркази муҳофизати модар ва кӯдак, 44 диспансери беморихои сил ва ҷимоӣ хизмат мекунанд. Ҳар сол барои нигаҳдории тандурустӣ қариб 10% бюҷети умумии давлат ҷудо карда мешавад. Аз 1 янв. 1974 дар мамлакат ёрии тиббии бепул ҷорӣ шудааст.

Маориф ва маданият. Дар миёнаи с-ҳои 50-уми а. 20 фақат 15—20% аҳолии калонсол саводнок буд. С. 1963 ҳукумати демократии халқӣ таълимро ҳатмӣ эълон намуд. Хондан дар мактаби ибтидоӣ (6-сола) аз 6-солагӣ сар шуда, таълим аввал ба забонҳои франсавӣ ва арабӣ, баъдтар, тадриҷан, фақат ба забони арабӣ мегузарад. Мактаби миёна аз лицей (муддати таҳсил 7 сол) ва коллеҷи маълумоти умумӣ (муддати таҳсил 4 сол) иборат аст. Маълумоти касбию техникиро асосан коллеҷҳои махсус ё шӯъбаҳои техникии лицейҳо медиҳанд. Дар мактабҳои ибтидоӣ қариб 2 млн (с. таҳсили 1971—72), миёна — 225 ҳаз. (с. таҳсили 1970—71) ва касбию техникӣ — 35 ҳаз. (с. таҳсили 1966—67) талаба мехонд. Мактабҳои олӣ: Ун-ти Алҷазира (с. таъсисаш 1879), филиалҳои ин ун-т дар Қустантин ва Вуҳрон, Мактаби миллии политехникии Алҷазира (с. таъсисаш 1925). Бо ёрии СССР Ин-ти металлургияи кӯҳӣ дар ш. Анноба, Ин-т ва техникуми нефту газ, техникуми бофандагӣ, Ин-ти миллии саноати сабук дар Бумардос ва ғ. ташкил карда шудаанд. С. таҳсили 1971—72 дар мактабҳои олӣ 22,5 ҳаз. студент мехонд.

Калонтарин китобхона — Китобхонаи миллии ш. Алҷазира. Музейҳои асосӣ: Музеи миллии А. (с. таъсисаш 1930), Музеи миллии атиқа (1897), Музеи этнографии ш. Алҷазира (1928), Музеи революцияи 1954—62 дар Ал-Биар.

Аксарияти муассисаҳои илмӣ дар ш. Алҷазира воҷеъ гардидаанд: Ин-ти тадқиқоти ядрӣ, Ин-ти океанография. Дар Алҷазира расадхонаҳои астрономӣ, астрофизикӣ ва метеорологӣ, Ин-ти биохимия кор мекунанд. Маркази зидди бемории саратон, Ин-тҳои Пастер, гигиена, трахома ва офтальмологияи тропикӣ ва стоматология ба тадқиқи масъалаҳои тиб машғуланд. Ин-ти миллии агрономии ш. Алҷазира ба ҳалли масъалаҳои ветеринария, технологияи вино, муборизаи зидди малах машғул аст.

Матбуот, радио, телевизион. Матбуоти прогрессивии А. дар миёнаи с-ҳои 30-юми а. 20 ба вуҷуд омадааст. Матбуоти ҳозираи А.: «Ал-Муҷоҳид» («El Moudjahid», аз с. 1965) — газетаи ҳаррӯзаи расмӣ ба заб. франсавӣ; «Аш-Шаъб» (الشعب) — газетаи ҳаррӯзаи марказии ҳукуматӣ ба забони арабӣ; «Ал-Муҷоҳид» (المجاهد) — журнали ҳафтаина ба забони арабӣ, органи партияи ФОМ. Агентии расмии ахбороти РХДА — Алжери пресс-сервис (АПС) с. 1962 ташкил ёфтааст.

Ширкати давлатии радио ва телевизион — «Радио-телевизион алжерьен» (РТА) аз с. 1962 вуҷуд дорад. Радио бо 3 программа ба забонҳои арабӣ, қабилӣ, франсавӣ, телевизион бо як программа ба забонҳои арабӣ ва франсавӣ кор мекунанд.

Адабиёт. Адабиёти А. ба забонҳои арабӣ, қабилӣ ва франсавӣ мебошад. Ин адабиёт дар давраи муборизаи зидди таҷовузи Испания дар ибт. а. 16 ва зидди ҳукмронии Туркия дар

а-ҳои 16—18 ташаккул ёфтааст. Адабиёти А. дар а. 19 процесси ташаккули миллати алҷазоирро инъикос мекард. Дар ин давра эҷодиёти даҳанакии халқ: афсонаҳо, ривоятҳо, достонҳои таърихӣ, тарона ва бадеҳаҳо инкишоф ёфтанд.

Дар а. 20 маорифпарварон Абуляқзон, Башир Вироҳимӣ, Лабӣ ат-Тбиссӣ, Мулуд ал-Ҳафизӣ ва диг. ба арсаи адабиёт баромаданд, лирикаи ватанпарварона инкишоф ёфт, ҳаҷвиёти зидди мустамликадорони Франция ба вуҷуд омад. Асарҳои драмавӣ ба лаҳҷаи алҷазоирии забони арабӣ махсусан муваффақият пайдо карданд. Рашид Қсантинӣ ва Бахтарзӣ Муҳиддин дар пьеса ва мазҳакаҳои худ, Аҳмад Ашур, Шариф ал-Ҳусайн, Зуҳур Ванис ва диг. дар новеллаҳои худ мавҳумоту хурофоти ирқӣ-насабӣ ва зулми мустамликадоронро фош мекарданд. Аҳмад Ризо-Ҳуҳу «Духтари Маккӣ» ном романро ба ҳимояи ҳуқуқи зан бахшидааст (1947). Муборизаи қаҳрамононаи халқ барои ояндаи худ дар драмаҳои Мустафо ал-Ашраф ва Абдуллоҳи Нақлӣ мавзӯи асосӣ мебошад.

Адабиёти франсавизабони А. дар роҳи ташаккул ва камолоти бадеӣ мебошад. Процесси бедории миллӣ дар арафаи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва баъди он ҳам дар асарҳои нависандагон Жан Амруш («Таронаҳои барбарии Қабилия», 1939), Айд Ҷаъфар («Таронаи арабҳои бенавои Қасба») ва диг. ифода ёфтаанд.

Адабиёти А., пас аз истиқлолият ба даст овардани мамлакат (1962) ба марҳалаи нав қадам гузошт. Нависандагони маъруфи ҳозираи А. инҳоанд: Ёсин Котиб, Мулуд Маммирӣ, Асия Ҷаббор, Малик Ҳаддод, Мурод Бурбун, Муҳаммад Диб ва диг. 28 окт. 1963 Иттифоқи нависандагони А. ташкил ёфт. Моҳи маи 1964 аввалин шумораи журнали адабии «Ноябрь» («Novembre») аз чоп баромад.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Дар терр. А. суратҳои дар рӯи харсангҳо кашидашудаи ҳайвонот, одамон, манзараҳои шикор ва маросимҳои мазҳабӣ кашф гардидаанд, ки ба давраи неолит тааллуқ доранд. Дар ноҳияҳои наздисоҳилӣ осори шаҳрҳои замони финиқиҳо, римиҳо ва византиҳо боқӣ мондааст.

Шаҳри Алҷазира а. 10 ва Тилимсон а-ҳои 12—13 буньёд гардида, нақшаю нигоришҳои онҳо ба меъмории Марокаш ва Андалусия (ҷануби Испания) монандӣ доранд: биноҳо бо дасти устодони моҳир кандакорӣ ва бо тахтасангҳои лоҷвардранг рӯкаш карда шудаанд. Аз осори а-ҳои 16—18 дар Алҷазира ва Қустантин қасрҳо ва кохҳои пуршукӯҳи ҳокимони турк боқӣ мондаанд. Хонаҳои кӯҳнаи шаҳрҳо аксар 2—3 ошьёна ва бомашон тахт буда, аз чор тараф

Равоқи Траян дар Тимгад.

бо девор иҳота шудаанд. Хонаҳои деҳот аз гилу хишти хом сохта шуда, бомҳояшон суфашакланд. Аз с. 1930 дар Алҷазира, Вуҳрон, Анноба ва диг. шаҳрҳо биноҳои бисьёрошьёнаи истиқоматӣ, маъмурӣ, тиҷоратӣ, кӯшку кохҳои боҳашамат сохта мешаванд.

Харобаҳои Тимгад.

Санъати амалии а-ҳои 19—20 дар А. монанди санъати амалии асрҳои миёна аз маснуоти металлӣ, матоъҳои сернақшу нигор, қолин, ҳар хел гулдӯзӣ, ашьёҳои гулдори сафолин ва чармин иборат аст. Санъати тасвирии а. 19 ва ибтидои а. 20 А.-ро асарҳои рассомони француз ташкил додаанд. С-ҳои 20—30 юми а. 20 рассомони алҷазоирӣ бародарон Муҳаммад ва Умар Расим ва Тамом Ронам ба майдон омаданд. С-ҳои 60-ум дар А. қариб 60 рассом машғули кор буд, ки онҳо дар Иттифоқи миллии рассомони А. муттаҳид гардидаанд.

Ад.: Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., 2 изд., т. 14; Горнунг М. Б., Алжирия, М., 1958; Капо-Рей Р., Французская Сахара, пер. с франц. М., 1958; Культура современного Алжира, Сб. ст., пер. с франц., М., 1961; Ланда Р. Г., Национально-освободительное движение в Алжире (1939—62 гг.), М., 1962; Уткин Г. Н., Алжир (экономическая карта), 2 изд., М., 1965.

АМАД, 1) чӯбҳои баҳамбаста, ки барои гузаштан аз дарьё ба кор мебаранд. Ҳамчун воситаи нақлиёти обӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳоло ҳам истифода мекунанд. 2) Навъи чӯбронӣ, ғӯлачӯбҳои ба ҳам зич пайваста. Одатан А.-ро киштиҳо кашола мекунанд, баъзан бо ҷараёни об меронанд. А.-и дарьёӣ ва кӯлиро ба шакли чоркунҷа мепайванданд, ки ҳаҷмаш то ба 27 ҳаз. м³ мерасад. А.-и баҳрӣ тиршакл буда, ҳаҷмаш 1,5 ҳаз. м³ ва аз ин зиёд мешавад. 3) Навъе аз воситаҳои наҷотдиҳии одамон дар киштӣ ё самолёт ҳангоми рӯй додани фалокат ва авария.

АМАДУ (Amado) Жоржи (тав. 10. 8. 1912, Ильеус, штати Баия), нависанда, ходими ҷамъиятӣ ва сиёсии Бразилия. Аъзои Партияи коммунистии Бразилия. Дар романҳои аввалинаш «Какао» (1933) ва «Арақи ҷабин» (1934) А. кӯшидааст, ки бедории шуури синфии батракҳо ва коргаронро ба таври эътимодбахш нишон диҳад. Дар романҳои «Жубиаба» (1935), «Баҳри мурда» (1936), «Капитанҳои регзор» (1937) муборизаи камбағалон тасвир ёфтааст. Байни с-ҳои 30 дар муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ иштирок карда, як чанд бор ба ҳабс гирифтор мешавад ва баъди он аз ватан ҳиҷрат мекунад (1941—42). С. 1942 романи тарҷумаиҳолии «Ҳаёти Луис Карлос Престес — баҳодури умед»-ро чоп мекунад. Романи «Наврустаҳои сурх» (1946) шаҳодат медиҳад, ки нависанда методи реализми социалистиро аз худ кардааст. А. достони «Суруд дар васфи сарзамини Советҳо» (1949), китоби очеркҳои «Сулҳи ҷаҳон» (1950)-ро ба СССР бахшидааст. Романи «Пинҳонкорӣ барои озодӣ» (1952) муборизаҳои иҷтимоии с-ҳои 1937—41 Бразилияро дарбар мегирад. Дар роман тафаккуру эҳсосоти олӣ, қаҳрамонии мардуми оддии Бразилия, ки ба онҳо Партияи коммунистӣ роҳбарӣ мекунад, ба ҳарисию манфиатҷӯй ва золимию фосиқӣ муқобил гузошта шудааст. Дар романҳои «Габриэла, гул ва дорчин» (1958) ва «Дона Флор ва ду шавҳари ӯ» (1966), маҷм. повестьҳои «Баҳрнавардони куҳан» (1961), «Рӯҳониёни шаб» (1964) нависанда тавассути унсурҳои фольклорию тахайюлӣ, тарзҳои хоси табиати озодидӯстии халқашро ифода кардааст. А. аъзои Академияи Бразилия (1961), аъзои Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ буда, ба Мукофоти байналхалқии ленинии «Барои мустаҳкам кардани сулҳи байни халқҳо» мушарраф шудааст (1951). А. чандин бор ба СССР омадааст.

Ад.: Кутейшикова В. Н., Жоржи Амаду, М., 1954; Жоржи Амаду, Биобиблиографический указатель, М., 1965.

АМАЗОНИТ, санги амазонӣ (аз номи д. Амазонка), навъи нилгун ё сабзранги *микроклин.* Дар таркибаш баъзан омехтаҳои оҳан,

манган, сурб, рубидий, цезий ва ғ. дорад. Дар пегматитҳо ва гранитҳо вомехӯрад. Кристаллҳои хушранги А. дар заргарӣ истифода мешавад.

АМАЗО́НКА (Amazonas), дарьё дар Америкаи Ҷанубӣ. Аз ҷиҳати пуробӣ ва масоҳати ҳавза (7180 ҳаз. км²) калонтарин дар дунёё. Аз кӯҳҳои Анди Перу бо номи Мараньон сар мешавад, баъди ҳамроҳ шудани д. Укаяли номи А.-ро мегирад. Қисми зиёди дарьё аз ҳудуди Бразилия мегузарад, ки дар ин ҷо А.-ро Солимойнс ҳам меноманд. Дарозиаш бо Мараньон 6,4 ҳаз. км, бо Укаяли зиёда аз 7 ҳаз. км. А. аз пастии паҳнавари ботлоқзору бешазори Амазония ҷорӣ гашта, ба уқ. Атлантик мерезад. Дар ҷараёни поёнӣ бараш то 20 км, дар резишгоҳ — то 150 км. А. қариб 500 шохоб дорад. Шохобҳои калонтаринаш: аз рост — Укаяли, Мадейра, Тапажос, Шингу; аз чап — Иса, Япура, Риу-Негру. Тӯли ҳар яки онҳо беш аз 1500 км аст. Манбааш — борон. Шохобҳои ҷанубиаш аз окт. то март, шимолиаш аз апр. то окт. обхез мешаванд. Вақти обхезии калонаш — май, июль (то 10—15 м баланд мегардад). Сарфи миёнаи солонаи об дар ҷараёни поёнӣ қариб 175 ҳаз. м³/сон. Мадди уқьёнус ба маҷрои А. дохил шуда, то 1400 км боло меравад ва дар ҳамин вақт баландии мавҷ дар тунукобаҳои ҷараёни поёнӣ то ба 5 м мерасад, ки инро ба яке аз шеваҳои забони ҳиндуёни маҳаллӣ амазуну мегӯянд. Ба фикри баъзе олимон номи дарьё аз ҳамин калима гирифта шудааст. А. аз резишгоҳ ба масофаи 4300 км киштигард аст. То ш. Манаус (1690 км) киштиҳои уқьёнусӣ, то ш. Икитос (3680 км) киштиҳои баҳрӣ мегарданд. Бузургтарин дар ҷаҳон системаи роҳҳои обии дохили кишвар дар ин ҷо буда, 25 ҳаз. км тӯл кашидаанд. Бандарҳои калонаш: Икитос, Манаус, Обидус, Сантарен, Белен (Пара). А. ва шохобҳои он то 2000 намуди моҳӣ (аз ҷумла скифирингус, ки фақат дар А. ва Вахши Тоҷикистон дида мешавад), дельфинҳои дарьёӣ, тимсоҳ ва ғ. доранд. Олами наботот ва ҳайвоноти ҳавзаи А. хеле бой аст.

Дар бешазори Амазония.



Дарьёи Амазонка дар Колумбия.

Водии д. Амазонка.

АМАЗО́НКА, Амазония, калонтарин пастии рӯи Замин дар Америкаи Ҷанубӣ. Масоҳ. беш аз 5 млн км². Байни паҳнкӯҳҳои Гвиана ва Бразиль, дар ҳавзаи д. Амазонка воқеъ гашта, аз кӯҳҳои Анд то уқ. Атлантик тӯл кашидааст. Синеклизаи платформаи Америкаи Ҷанубӣ аз таҳнишастҳои баҳрии палеозой ва континентии мезозою кайнозой пур гашта, А.-ро ба вуҷуд овардааст. Иқлимаш дар Ғ. экватории сернам, дар Ш.— субэкваторӣ. Ҳарор. миёнаи моҳона 24—28° С. Боришоти солона 1500—3000 мм. Пастӣ бо бешаҳои ҳамешасабзи экваторӣ пӯшидааст. Дарахтони нахл, гевея, какао меруянд. Дар бешаҳо маймунҳои бинипаҳн, мӯрчахӯр, лаванд, тапир, гурози америкоӣ (пекарь) ва паррандаҳои гуногун, хазандаҳо, ҷонварони обию хокӣ (дубаҳраҳо), ҳашарот бисьёранд. Дарьёҳо сермоҳианд. А. камаҳолист. Роҳи асосии нақлиёт — дарьёҳо. Қадқади дарьёҳо маҳалҳои хурди аҳолинишин ва ду шаҳри калон — Манаус ва Белен воқеанд. Конҳои манган, маъдани оҳан, нефть ёфт шудаанд.

АМАЗОНКАҲО́, занони ҷанговар дар асотири Юнони Қадим. Бино ба ривоятҳои қадим А. дар Осиёи Хурд ва соҳили Меотида (баҳри Азов) зиста, бо мақсади давом додани наслашон аз мардони қабилаҳои дигар шавҳар мекардаанд ва шавҳари худро ба қабилааш пас мегардонданд. Пас аз таваллуди фарзанд писаронро ба падарони онҳо дода, духтаронро бо худ нигоҳ медоштаанд ва ба онҳо санъати муҳорибаро ёд медодаанд. А. ҳамчун занони соҳибҷамол шӯҳрат ёфтаанд. Нақлу ривоятҳо дар бораи А. дар тамоми ҷаҳон машҳуранд. Ин ривоятҳо ёдгории давраи модаршоҳианд.

АМА́Л (ар. عمل — кор), асари мусиқие, ки беш аз қисмати таронавӣ, байни қисмати муқаддимавии тарона ё оҳанг иҷро мешавад. Дар А. иштироки «Миёнхона» ва «Боздӯ» ҳатмист ва дар ин ҳол онро «Савтул-амал» мегӯянд. Хусусияти диг. А. ин аст, ки ба он ҳаргуна «Усул»-ро бастан мумкин аст ва он усул бояд ба зарбу вазни А. мувофиқат кунад. Агар дар ҷараёни таснифи А. «Усул»-ҳои гуногун эҷод шаванд, дар истилоҳи мусиқӣ онро «Кор ба

усул» мегӯянд. «Усул»-е, ки ба «Бозгӯй»-и А. эҷод мешавад, «Усули гардон» ном дорад. Аз замонҳои қадим оҳангсозон, ҳофизон ва машшоқони форс-тоҷик ба ин усули мусиқӣ асарҳои зиёде эҷод намудаанд. А. дар «Дувоздаҳмақом»-у «Шашмақом» мавқеи калон дорад. Аз ҷумла «Амали Тарона», «Амали Гесу», «Амали Бӯстон», «Амали Гулистон», «Амали Хористон» (таснифи Абдулқодири Гӯянда) машҳуранд.

АМАЛИ ҚОНӮН, мафҳумест, ки доираи татбиқи ҳатмии қонунро аз рӯи макону замон ва шахсони ба қонун дахлдор муайян мекунад. А. қ. бо қарорҳои умумӣ ё бо актҳои махсус доир ба қонуни муайян муқаррар мегардад. А. қ. аз ваҷҳи замону лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадан то аз эътибор соқит шудани он давом мекунад. Қонун чун қоидаи умумӣ, дар муддате, ки дар худи он нишон дода шудааст, ба қувваи қонунӣ медарояд. Агар дар қонун мӯҳлати амали он қайд нашуда бошад, он гоҳ (дар СССР) баъд аз 10 рӯзи нашраш ба қувваи қонунӣ даромада, эътироф мешавад. Дар А. қ. аз рӯи замон қоидаи зерин муҳим аст: «Қонун қувваи бозгашт надорад». Ин қоида чунин маъно дорад, ки А. қ. фақат ба он муносибатҳое дахл мекунад, ки баъди ба қувваи қонунӣ даромадани қонун (ниг. *Қувваи бозгашти қонун*) пайдо мешаванд. А. қ. дар ҳолатҳои зерин қатъ мешавад: бевосита бо худи қонун бекор кардани қонун, баровардани қонуни нав оид ба ҳамон масъала, ба охир расидани мӯҳлати А. қ. (агар он ба мӯҳлати муайян бароварда шуда бошад). А. қ.-ро аз ваҷҳи макон доираи территориявии ҳокимияти органи қонунгузор муайян мекунад. Қонунҳои СССР дар тамоми территорияи СССР, қонунҳои республикаҳои иттифоқӣ дар территорияи худи республикаҳо, дар баъзе мавридҳо танҳо дар ҷои муайян (мас. Шимоли Дур) амал мекунанд. Агар дар байни Қонуни республикаи иттифоқӣ ва Қонуни умумииттифоқӣ фарқ бошад, Қонуни СССР амал мекунад. А. қ.-ро аз ваҷҳи шахс доираи он органҳо, ташкилотҳо, гражданинҳое муайян мекунанд, ки ба риоя ва иҷрои қонунҳо вазифадор мебошанд.

Амазонка. Биринчӣ. Амали Ф. Штук.

АМАЛИЁТИ ТЕХНОЛОГӢ, қисми процесси технологӣ, ки аз тарафи коргар ё гурӯҳи коргарон дар як коргаҳ, дар шароити истеҳсолоти автоматӣ бошад, бе иштироки коргарон ё таҳти назорати онҳо иҷро карда мешавад. А. т. автоматӣ, нимавтоматӣ, мошинӣ, мошиниву дастӣ, дастӣ, инчунин аппаратурӣ шуда метавонад. А. т. бо тағьирнопазирии объекти истеҳсолот ва таҷҳизот ифода меёбад. А. т. барои муайян намудани ҳосилнокӣ ва баплангирии кори таҷҳизот, инчунин барои нормабандии техникии меҳнат воҳиди асосии ҳисобу китоб ба шумор меравад.

АМАЛИЁТИ ҲАРБӢ, маҷмӯи зарбаҳо, задухӯрдҳо, муҳорибаҳои аз рӯи мақсад, вақт, макон ба ҳам мувофиқ ва алоқаманд, ки иттиҳодияи як ё чанд намуди қувваҳои мусаллаҳ аз рӯи ният ё плани ягона барои ҳалли вазифаҳои оперативӣ ё стратегӣ мегузаронанд. Нишонаҳои аввалини А. ҳ. дар муҳорибаҳои охири а. 18—аввали а. 19 пайдо шуданд; мафҳуми А. ҳ. аз ҷиҳати назария ва амалия аввали а. 20 шакл гирифт. Миёнаи с-ҳои 30-юм дар Қувваҳои Мусаллаҳи Советӣ назарияи А. ҳ.-и ҳуҷуми амиқ кор карда шуд, ки дар он анбӯҳи танкҳо, авиация, артиллерия ва десанти ҳавоӣ истифода мешавад. А. ҳ.-и қӯшунҳои хушкигард, баҳрӣ, ҳавоӣ ва десанти ҳавоӣ мавҷуданд. А. ҳ. аз рӯи мақсад ҳуҷумӣ ё мудофиавӣ, аз рӯи вақт якбора ё пай дар пай шуда метавонад. Вобаста ба ҳайати қӯшунҳои иштироккунанда (қувваҳои флот) А. ҳ.-и стратегӣ, фронтӣ (гурӯҳи армияҳо), флотӣ, армияви, флотилиявӣ мешаванд. Вазифа ва мазмуни А. ҳ. ба мақсадҳои ҳарбию сиёсии тарафҳои ҷангкунанда дар минтақаи муҳориба, ҳайати қувваҳои иштироккунанда, шароити конкретии вазъияти оперативию стратегӣ, характери амалиёти душман ва қӯшунҳои худӣ, инчунин шароити маҳал вобаста аст. Дар вусъати А. ҳ.-и ҳуҷумӣ: амиқӣ ва давомнокии ҳуҷум, паҳнои минтақаи ҳуҷум, суръати ҳаракати қӯшун, дар А. ҳ.-и мудофиавӣ бошад бари минтақа, тӯлу арзи истеҳкоми мудофиавӣ ва муддати мудофиа нишондиҳандаҳои асосианд. Тайёр намудан ва гузаронидани А. ҳ. мавзӯи стратегия ва санъати оперативӣ мебошад.

АМАЛИЯ (ар. عملية), яке аз шаклҳои фаъолияти ҳисси-предметии инсон доир ба дигаргун сохтани олам. Дар процесси амалиёти худ инсон қонунҳои табиат ва ҷамъиятро аз худ карда, дар роҳи тараққиёти минбаъда истифода мебарад ва дурустии донишҳои ҳосилшударо дар ҳаёт месанҷад. Роли муҳими А.-ро дар ҳаёти ҷамъият фақат марксизм-ленинизм дуруст шарҳ дода тавонист. Ба қавли В. И. Ленин «нуқтаи назари ҳаёт ва амалия бояд нуқтаи назари аввалин ва асосии назарияи дониш бошад» (Асарҳо, ҷ. 14, саҳ. 157). А. ҷамъбасти маърифати олами материалӣ дар зинаи муайяни инкишофи он, манбаъ, мақсад ва меъёри дониш аст. Фалсафаи марксистӣ-ленинӣ чунин шаклҳои А.-ро эътироф мекунад: фаъолияти одамон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама дар процесси истеҳсолоти моддӣ, шаклҳои гуногуни муборизаи синфӣ ва таҷрибаи илмӣ. Фаъолияти амалӣ-истеҳсолӣ асосии мавҷудият ва инкишофи ҷамъият буда, дараҷаи муайяни тараққиёти онро ифода мекунад. Марксизм-ленинизм амалияро бо назария, аз ҷумла бо назарияи маърифат пайваста, мақоми фалсафаро дар дигаргун сохтани олам муайян кард. А. бо диг. категорияҳои фалсафӣ — фаъолият, меҳнат, истеҳсолот ва г. алоқаманд аст. Аммо дар системаи ин категорияҳо А. мавқеи махсус дорад. Мас., агар меҳнат фаъолияти индивидро дар шаклҳои гуногуни он, ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодӣ муайян кунад А. фаъолияти умумӣ — ҷамъиятии одамонро дар бар мегирад. Дар процесси А. робитаи диалектикии субъект ва объект ба амал меояд: субъект объектро тағьир дода, дар айни ҳол худаш низ тағьир меёбад. *Т. Раҳмонов.*

АМАЛЬГА́МА, хӯла, ки яке аз компонентҳои он симоб аст. Вобаста ба таносуби симоб ва металли резаи бо он омехташаванда А. моеъ, нимоеъ ва сахт мешавад (дар ҳарорати нормалӣ). А. ҳангоми металлрезаро бо симоб тар кардан, дар натиҷаи дар металл диффузия шудани симоб ҳосил мешавад. Барои аз А.-и моеъ ва нимоеъ раҳонидани симоби зиёдатӣ онҳоро дар зери фишор аз замша мегузаронанд; ҳангоми тафсондан А.-и сахт ба қисмҳои таркибӣ ҷудо мешавад (аз металл андудаҳои симобро бо гудозиши минбаъда мераҳонанд). А.-ро барои тиллокории маснуоти металлӣ, дар истеҳсоли оина, таъмири дандон ва дар соҳаҳои диг. истифода мебаранд. Ниг. низ *Амальгамация*.

АМАЛЬГАМА́ЦИЯ д а р м е т а л л у р г и я, усули аз маъдани реза ё рег бо ёрии симоб ҷудо карда гирифтани металлҳои асил (тилло, нуқра, платина ва г.). Ҳангоми маъданро бо симоб тар кардан, металл ба симоб мечаспад ва *амальгама* ҳосил мешавад. Дар ҳамин намуд металлҳоро аз ҷинсҳои бегона ва рег ҷудо мекунанд. Баъди тафсондани

амальгама симоб буғ шуда, металл боқӣ мемонад, ки баъди бо усулҳои махсус тоза кардани он металли холис ҳосил мешавад.

А.-ро инчунин барои аз нав кор кардани партови металлҳои сабук, бо усули электрӣ ҳосил кардани металлҳои нодир ва ғ. истифода мебаранд.

АМАЛҲОИ МАНТИҚӢ, амалҳое, ки дар натиҷаи онҳо аз маълумоти мавҷудаи фикрҳо фикрҳои нав ба вуҷуд меоянд. А. м. аз рӯи муносибат ба шаклҳои тафаккур—мафҳум, ҳукм ва хулоса ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

I. Дар мантиқи анъанавӣ А. м.-и ба мафҳум тааллуқдоштаро ба се намуд ҷудо кардаанд: зиёд ва кам кардани умумияти мафҳум, таъриф и мафҳум ва тақсими мафҳум. 1) Амали зиёд ва кам кардани умумияти мафҳум ба қонуни мутаносибии байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳум такья мекунад. Шарҳи ин қонун ҳамин аст, ки ҳаҷми мафҳум ҳар қадар зиёд бошад, мазмун ҳамон қадар кӯтоҳ ва ҳаҷми мафҳум ҳар қадар маҳдуд бошад, мазмун ҳамон қадар зиёд мешавад. Чунончи, мафҳумҳои «атом» ва «атоми уран» бо як нишона—«уран» фарқ мекунанд. Мутобиқан дар мафҳуми «атом» ҳаҷм зиёд ва дар мафҳуми «атоми уран» ҳаҷм маҳдуд аст. 2) Таъриф и мафҳум амалест, ки барои возеҳ кардани мазмуни мафҳум ба кор мебаранд. Барои кушодани мазмуни ҳар мафҳум мафҳумҳои ҳаҷман зиёди тобеъкунанда ва ҳаҷман маҳдуди тобеъ истифода мешаванд. Масалан, барои таъриф и «квадрат» мафҳумҳои «шакли геометрӣ», «тарафҳо», «баробар» муайянкунанда шуда метавонанд. Аз ин ҷо таъриф и «квадрат» чунин аст: квадрат шакли геометрист, ки чор тарафи баробар дорад. 3) Тақсими мафҳум амалест, ки барои муайян кардани ҳаҷми мафҳум кор фармуда мешавад. Масалан, ҳаҷми мафҳуми «санъат» аз маҷмӯи ҳаҷми мафҳумҳои «санъати тасвирӣ», «санъати мусиқӣ», «санъати меъморӣ» ва ғ. иборат аст. *Тасниф* ва *дихотомия* низ намудҳои тақсим буда, ҳар яке хусусиятҳои худро дорад.

II. Дар мантиқи анъанавии доир ба ҳукм се навъи А. м. омӯхта мешавад: гардиш, табдил ва муқобилгузорӣ ба предикат. 1) Гардиш аз инкори дубораи мазмуни ҳукм иборат буда, ба василаи ивоз кардани аломатҳои мусбат ба манфӣ ва аломатҳои манфӣ ба мусбат ба амал меояд. Мас., «Тамоми муаллимон педагог мебошанд»: Дар ин ҷо агар предикат (педагог) ва пайвандаки мантиқӣ — «мебошанд»-ро бо аломати инкор ё ҳиссачаи инкории «на» аз нав нависем, ҳукм ба шакли «На ҳамаи муаллимон педагог мебошанд» медарояд, яъне ҳукми умумии тасдиқӣ ба ҳукми умумии инкорӣ гардонда шуд. 2) Табдил амалест, ки дар натиҷаи он ҳаҷми истилоҳоти ҳукм санҷида мешавад. Барои он субъекти ҳукм ба ҷои предикат ва предикат ба ҷои субъект гузаронида мешавад. Чунончи, агар ҳукми «Арзиш категорияи иқтисоди сиёсӣ мебошад»-ро табдил доданӣ бошем, бояд «арзиш»-ро ба ҷои «категорияи иқтисоди сиёсӣ» ва ин иборарo ба ҷои «арзиш» гузаронем. Лекин категорияи иқтисоди сиёсӣ фақат аз арзиш иборат нест. Бинобар ин ибораи «категорияи иқтисоди сиёсӣ»-ро ҳаҷман маҳдуд карда, оқибати табдилро чунин навиштан лозим: «Яке аз категорияҳои иқтисоди сиёсӣ арзиш аст». 3) Муқобилгузорӣ ба предикат амали таркибӣ буда, аз гардиш ва табдили пай дар пай иборат аст. Мас., агар ҳукми «Дониш тавонӣ»-ро гардонем ҳукми «Дониш нотавонӣ нест» ва агар ин ҳукмро табдил диҳем, ҳукми «Баъзан тавонӣ дониш аст» ба вуҷуд меояд.

III. Дар хулосабарорӣ амал аз он иборат аст, ки аз як қатор ҳукм як фикри умумӣ ҷудо карда ва аз вай ҳукми ҷамъбастӣ сохта мешавад (ниг. *Индукция*). Ё ин ки ба воситаи истилоҳи миёнаи ду ҳукм муносибати истилоҳҳои канории онҳо ёфт мешавад. Ҳангоме ки истилоҳҳои канорӣ бо муносибати дарьёфта пайваст мешаванд, фикри навро дар шакли ҳукм ифода мекунанд (ниг. *Дедукция*).

Дар мантиқи математикӣ ҳисоби синфҳо ва гуфторҳо, ҳисоби предикатҳо, истифодаи кванторҳо амалҳои бисьёреро дар бар мегиранд. Ин амалҳоро асосан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: истилоҳоти тағьирёбандаро бо операторҳои пропозиционӣ бастан, ҳосил кардани формулаҳои эквивалентӣ, табдили формулаҳои эквивалентӣ, табдили формулаҳо ва инкор. 1) Аломатҳои A, B, C, a, в, ... ҳар яке гуфторҳоро ифода мекунанд ва тағьирьёбанда мебошанд. Онҳоро бо операторҳои пропозиционӣ — истилоҳоти устувор баста, формула, яъне гуфторҳои таркибӣ ҳосил мекунанд. Операторҳои пропозиционӣ чор хеланд: а) Конъюнкция — бо аломати $\wedge$ ифода шуда, пайвандаки мантиқии «ва»-ро ивоз мекунад. Дар вақти бо ин аломат ду ё якчанд истилоҳоти тағьирьёбандаро бастан гуфтори таркиби конъюктивӣ ҳосил мешавад. Чунончи $A \wedge B$; $A \wedge B \wedge C$ ва ғ. б) Дизъюнкция — бо аломати $\vee$ ифода шуда, пайвандаки ҷудоии «ё»-ро ивоз мекунад. Истилоҳҳои бо ин аломат басташуда гуфторҳои мураккаби дизъюнктивиро ҳосил мекунанд. Мас., $A \vee B$; $A \vee B \vee C$ ва ғ. в) Импликация — бо аломати $\rightarrow$ ифода шуда, пайвандаки шартии «агар»-ро ивоз мекунад. Бо ёрии он гуфторҳои мураккаби импликативӣ (гипотетикӣ), ба монанди $A \rightarrow B$; «$A \rightarrow B \rightarrow C$» ва ғ. ҳосил мешаванд. г) Эквивалент бо аломати $\sim$ ифода шуда, аз ду гуфтор гуфтори нав ҳосил кардан аст. Мас., A ва $B = A \sim B$. 2) Инкор амалест, ки ба воситаи он аз як гуфтор гуфтори нави муҳокимаи аввалро инкоркунанда ҳосил мешавад. Инкор бо аломати — (хати арзӣ аз болои аломат) ифода меёбад. Чунончи, $\bar{A}$; $(\bar{A \wedge B})$; $\bar{A \vee B}$. Мантиқан инкор кардани як фикр тасдиқ ё гумони ягон фикри дигар аст. Фикре, ки тасдиқ ё гумон мешавад, ба фикри инкоршуда хилоф мебошад.

Н. Парпиев.

АМАСИС, фиръавни Миср; ниг. *Яхмос*.

АМБАРЦУМЯН Виктор Амазаспович (тав. 5. 9. 1908, Тифлис), астрофизики советӣ, асосгузори мактаби астрофизикаи назариявӣ дар СССР, акад. АФ СССР (1953; аъзокорр. 1939), акад. (1943) ва президенти АФ РСС Арм. (1947), проф. Ун-ти Ереван (1947). Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1968), аъзои КПСС аз с. 1940.

А. назарияи миқдории партавфишонии туманоти газиро ба вуҷуд овард, методи ҳисоб кардани массаҳоеро, ки ситораҳои нав меафкананд, пешниҳод кард. Асоси механикаи статистикии системаҳои ситоравиро эҷод кард, сабабҳои костани тарокуми ситораҳоро нишон дод. С. 1947 системаҳои ситоравии аз ҷиҳати динамикӣ ноустувор ва дар марҳалаи пароканиш бударо кашф ва тадқиқ карда, онҳоро *ассоциацияҳои ситорагӣ* номид. А. муаллифи назарияи нави пароканиши рӯшной дар муҳити тира мебошад. Назарияи ситораҳои бариониро, ки зичиашон аз зичии ядро бештар аст, буньёд кард. Хурӯҷи космогонии ядроҳои *галактикаҳо*ро, ки боиси пайдоиши ҳодисаҳои ғайристационарии фавқулазим (таркишҳои фавқулазим, афканиши массаҳои бузург, радионурфишонии пурзӯр ва ғ.) мегарданд, муқаррар намуд. Равияҳои наве, ки А. асос гузоштааст, ба тараққиёти илмҳои астрономӣ таъсири ҷиддӣ расонданд.

А.— асосгузор ва директори расадхонаи астрофизикии АФ РСС Арманистон дар Бюракан. Нояб-президент (1948—55) ва президенти Иттифоқи байналхалқии астрономҳо (1961—64). Аъзои бисьёр академияҳои хориҷӣ ва ҷамъиятҳои илмӣ. С. 1968 президенти Совети байналхалқии иттифоқҳои илмӣ интихоб шудааст. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 3—9). Лауреати Мукофотҳои дав-

латии СССР (1946, 1950). Бо 3 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳои СССР ва медальҳои муассисаҳои илмии хориҷӣ мукофотонида шудааст.

Ас.: Амбарцумян В. А., «Научные труды» в 2-х т., Ереван, 1960.

АМБРӢ (Ambri) Муҳаммад (8. 9. 1892 ш. Сумеданг—5. 4. 1936, Ҷакарта), нависандаи сундзабони Индонезия. Аз оилаи давлатманд. Чанде дар мактабҳои миёна аз забони сундӣ дарс гуфта, сипас шӯъбаи адабиёти сундии нашрияи «Балэй Пустак»-ро сарварӣ кардааст. Муаллифи повестьҳои «Аспи сеҳрнок», «Ганҷи Сулаймони пайғамбар», «Фили сафед» ва ғ. мебошад, ки дар таълифи онҳо аз сюжетҳои фольклорӣ истифода бурдааст. А. дар романҳои «Мунҷунг», «Ишқи ҷавонон», «Ба таври дигар» таассуб ва тақдирро маҳкум менамояд. Дар осори давраи охири А. унсурҳои тасаввуфӣ, махсусан дар «Карма Вичитра», қувват гирифтааст.

АМБУЛАТО́РИЯ (лот. ambulatorius — бо рафтуо иҷро кардан), дармонгоҳ, муассисаи табобатию профилактикиест, ки дар он ба беморони сарипой кӯмаки тиббӣ расонда, беморони бистариро муолиҷа мекунанд. Дар А. мутахассисони бемориҳои асосӣ (бемориҳои дарун, занона ва ғ.) кор мекунанд. Роҳбари А. сардухтур мебошад. А. ба участкаҳои (цехҳои) алоҳида ёрии тиббӣ мерасонад, ба кори пунктҳои фельдшерию акушерӣ ва нигаҳдории тандурустӣ назорату роҳбарӣ мекунад. Дар РСС Тоҷ. аввалин А. с. 1886 дар ш. Хуҷанд таъсис ёфта буд. С. 1913 миқдори он (дар Хуҷанду Уротеппа, Панҷакенту Нов ва ғ.) ба 11 расид. Ҳоло дар Тоҷикистон қариб 600 А. бо таҷҳизоти замонавӣ ба аҳолӣ ёрии тиббӣ мерасонанд (1976).

Ё. Т. Тоҷиев.

АМГУ́НЬ, дарьё дар кишв. Хабарови РСФСР, шохоби чапи Амур. Тӯлаш 723 км, масоҳ. ҳавзааш 55 500 км². Аз як шудани д-ҳои Аякит ва Сулук дар нишебаҳои қ-кӯҳи Бурея ба вуҷуд омада, асосан дар водии васеи байни ботлоқзори тайга ҷорӣ мешавад. Шохоби калонаш—Нимелен. Манбааш асосан борон. Сарфи миёнаи солонаи об дар ҷараёни поёнӣ 500 м³/сон. А. аз нояб. то май ях мебандад. Қариб то саргаҳаш киштигард. Аз моҳӣ бой аст (кета, горбуша, тосмоҳӣ, заҳорамоҳӣ ва ғ.).

АМЕНЕМХЕ́Т, номи фиръавнҳои сулолаи 12 Мисри Қадим.

Аменемхети I (тақр. 2000—1970 то м.), асосгузори сулола. Барои суст кардани мавқеи ҳокимони маҳаллӣ (номархҳо) муборизе бурд, ба ҷои номархҳои пешина ашрофон ва муқаррабони содиқи худро гузошт. А. 1 ба Фаластин лашкар кашида, ба муқобили либиҳо ҷангид ва дар ҷануб вилояти Ваватро забт намуд. «Насиҳатнома»-и А. 1 ба фарзандаш Сенусерт боқӣ мондааст.

Аменемхети II (1934—1896 то м.), сиёсати мудохилаи иқтисодӣ ва ҳарбиро ба Кӯш ва мамлакати Пунт (дар Африкаи Шарқӣ) давом дод.

Аменемхети III (тақр. 1849—1801 то м.). Давраи ҳукмронии А. III-ро замони нашъунамои дуюми Миср меноманд. Дар давраи А. III сохтмони ибодатхонаҳо вусъат ёфт, дар нимҷаз. Сино истеҳсоли мис ва дар воҳа корҳои обьёрӣ авҷ гирифт. Муаррих Страбон хабар медиҳад, ки дар замони шоҳ Ламарес (эҳтимол А. III) дар назди Файюм бинои азиме сохта шуд, ки дар байни юнониҳо бо номи «Лабиринт» машҳур гардидааст.

Аменемхети IV, тақр. с-ҳои 1801—1792 то м. подшоҳӣ кардааст.

АМЕНОРЕ́Я (аз *a*..., юн. men — моҳ ва rhéo—мешорам), беҳайзӣ, ҳайз надидан. Ҳолатест, ки зан дар муддати 6 моҳ ё аз ин бештар ҳайз намебинад. Агар духтар баъди ба балоғат расидан ё зан тамоман ҳайз надида бошад, А.-и якумин ва агар боре ҳайз дида, минбаъд тамоман ҳайз набинад, А.-и дуюмин меноманд. Дар ҳаёти зан якчанд давраҳои ҳайз надидан (то балоғат, ҳомилагӣ, бачамаконӣ, *менопауза)* вуҷуд дорад. Ин давраҳо чун ҳолати физиологии организм давом карда, баъд қатъ мегарданд. Ин А.-и физиологӣ мебошад. А.-и патологӣ дар натиҷаи нуқсони модарзодии тухмдон, бачадон ва маҳбал, хеле суст инкишоф ёфтани узвҳои номбурда, инчунин осеб дидани ҷанин аз дороە, ки зан дар давраи ҳомила (дар аввал ва то охири моҳи сеюми бордорӣ — дар давраи муҳими таҳъири ҷанин) истеъмол мекунад, пайдо мешавад. Табобати А.-е, ки аз ин сабабҳо рӯй додааст, имконнопазир аст. А. дар натиҷаи бемориҳои ғадудҳои эндокринӣ, хусусан ғадудҳои сипаршакл, болои гурда ва гипофиз, бемории сил, камвитаминӣ, исқоти пай дар пай низ ба вуҷуд меояд.

Муолиҷа: давоҳои гормонӣ, физиотерапия ва истеъмоли витаминҳо.

С. Х. Ҳакимова.

АМЕНХОТЕ́П, номи фиръавнҳои сулолаи 18 Мисри Қадим.

Аменхотепи III, тақр. с-ҳои 1455—19 то м. ҳукм рондааст. Дар ибтидои салтанати ӯ иқтидори ҳарбии Миср ба авҷи тамом расид. Сарҳадди мулки А. III аз болооби Фурот то остонаи 4-уми Нил доман паҳн кард. Ҳамчунин подшоҳони Бобул, Митанн ва Кипр тобеи Миср шуда буданд. Дар охирҳои ҳукмронии А. III зиддиятҳои дохилӣ ва ҳамлаҳои хеттҳо мамлакатро то андозае хароб карданд. Дар аҳди А. III дар Луксор ибодатхонаи боҳашамати Амон-Ра қомат афрохта, дахмаи бузурге, ки бо муҷассамаҳо зинат ёфта буд, сохта шуд.

Аменхотепи IV (Эҳнатон) (тақр. 1419—1400 то м.), писари А. III, кӯшиш намуд, ки таъсири ашрофон ва коҳинони пешинаро маҳдуд кунад. А. IV парастиши Амон-Раро манъ, молу мулки ибодатхонаи Фиваро мусодира ва парастиши худои нав Атонро эълон кард. Аз ин рӯ ба худ «Эҳнатон» лақаб гирифт, ки маънояш «манфиатоварандаи Атон» аст. Шаҳри нави Ахетатонро пойтахти давлат қарор дод. Дар аҳди А. IV ибодатхонаҳои маҳаллӣ рӯ ба хароби оварданд. Ба шарафи Атон ибодатхонаҳои пурҳашамат сохта шуд; табақаи нави коҳинон ба вуҷуд омад. Дар замони А. IV қабилаҳои бодиянишини хабиру ба мулкҳои осиёии Миср тохтутоз карданд. Сурия ва Фаластин аз тасарруфи Миср баромад.

АМЕРИ́ГО ВЕСПУ́ЧЧИ, баҳрнаварди италиявӣ, ниг. *Веспуччи.*

АМЕ́РИКА, қитъаи олам иборат аз ду материк — *Америкаи Шимолӣ* ва *Америкаи Ҷанубӣ.* Дар Нимкураи Ғарбӣ, байни уқ-ҳои Атлантик ва Ором воқеъ гаштааст. Ба А. калонтарин ҷазираи дунёё Гренландия ва якчанд ҷазираҳои атроф тааллуқ доранд. Масоҳ. 42,5 млн км². Аҳол. 560 млн (1975). Ба Гренландия ва соҳилҳои шим. шарқии Америкаи Шимолӣ дар а-ҳои 10—11 норманнҳо омадаанд (нахустин кашфи ин ҷойҳо тақр. ба с-ҳои 900-ум мансуб аст). Ҷаз-ҳои Антиль, қисми шимолии соҳилҳои Америкаи Ҷанубӣ ва қисми ҷанубии б. Кариби соҳилҳои Америкаи Шимолиро с-ҳои 1492—1503 Х. Колумб кашф кардааст. (Ба ривояте ин ҷойҳо хеле пеш аз он ҳам маълум будаанд). Номи ин қитъаро картографи лотарингӣ Вальдземюллер с. 1507 дар асари худ «Муқаддимаи космография» ба шарафи баҳрнаварди италиявӣ Америго *Веспуччи* додааст, ки ӯ бори аввал заминҳои дар Нимкураи Ғарбӣ кашфшударо қитъаи нави олам тахмин карда буд. Аҳолии таҳҷоии А.-и то давраи Колумб қабилаҳою халқҳои зиёди ҳиндуёни америкой ва инчунин эскимосҳои маҳаллӣ буданд. Аз замони дар А. сар шудани ҳукмронии европоиҳо қисми бештари аҳолии маҳаллӣ нобуд шуд. Аксарияти аҳолии ҳозираи Америкаи Шимолӣ авлоди европоиҳо, африкоиҳо (ғуломоне, ки европоиҳо, аз Африка оварда буданд) ва ҳиндуёни америкой мебошанд. Аз ҷиҳати антропологӣ аҳолии А. ниҳоят мухталиф буда, намояндагони ҳар се нажоди асосии башар: европой, муғулӣ ва экваторӣ (зангии австралӣ) бо ҳам даромехтаанд. Забони аксарияти аҳолии А. ба гурӯҳи *забонҳои ҳиндуевропой* мутааллиқ аст. Забони аксарияти халқҳои Мексика, Америкаи Ҷанубӣ ва Америкаи Марказӣ испанист. Дар А. дини католикӣ ҳукмрон аст. Дини зангиҳо, мулатҳо

бо дини католикӣ ва африкоиҳо омехта шудааст. Дар шимоли А. ғайр аз дини католикӣ мазҳабҳои сершумори протестантӣ дида мешавад. Дар А. шумораи америкоиҳо, англису канадиҳо, мексиканию бразилиҳо, аргентиниҳо, колумбиҳо, чилигию венесуэлиҳо, кубагиҳо афзунтар аст. Дар қитъаи А. 50 мамлакат ҷойгир аст, ки аз онҳо 27 давлати мустақил ва 23 сарзамин тобеи давлатҳои Брит. Кабир, ШМА, Франция, Нидерланд ва ғ. мебошанд. Дар бораи табиат, таърих ва иқтисодиёти А. ниг. мақолаҳои *Америкаи Шимолӣ, Америкаи Ҷанубӣ* ва мақолаҳои доир ба давлатҳои алоҳидаи ин материкҳо.

АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ (исп. América Latina), номи гурӯҳи мамлакатҳое, ки дар Америкаи Шимолӣ (якҷоя бо Америкаи Марказӣ, Вест-Индия) ва Америкаи Ҷанубӣ воқеанд. Масоҳ. умумии А. Л. 21 млн км². Аҳол. 285 млн (1972). Дар терр. А. Л. 27 давлат: Аргентина, Багам, Барбадос, Боливия, Бразилия, Венесуэла, Гаити, Гайана, Гватемала, Гондурас, Гренада, Республикаи Доминикана, Колумбия, Коста-Рика, Куба, Мексика, Никарагуа, Панама, Парагвай, Перу, Сальвадор, Суринам, Тринидад ва Тобаго, Уругвай, Чили, Эквадор, Ямайка, инчунин мулкҳои мустамликавии Брит. Кабир, Франция, Нидерланд ва ШМА ҷой гирифтаанд. Аҳолии А. Л. гуногунмиллат буда, дар он ҷо европоиҳои муҳоҷир ва авлоди онҳо, гуногуннажодҳо (дурагаҳо) ва ҳиндуёни америкой, зангиҳо, хитоиҳо, ҳиндуҳо ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Забони давлатӣ ё расмии Бразилия португалӣ; Гаити франсавӣ; Багам, Барбадос, Гайана, Тринидад ва Тобаго, Ямайка ва мустамликаҳои Брит. Кабир англисӣ; Суринам ва мустамликаҳои Нидерланд голландӣ; мустамликаҳои ШМА англисию испанӣ ва забони ҳаман мамлакатҳои боқимондаи А. Л. испанист. Зиёда аз 10% мардуми А. Л. ба забонҳои гуногуни ҳиндуёни америкой гап мезананд. Азбаски аксарияти аҳолии А. Л. ба забони романӣ гуфтугӯ мекунанд ва асоси ин забон лотинист, ин сарзамин номи А. Л.-ро гирифтааст.

Сокинони А. Л. дар замонҳои палеолити боло ва мезолит аз шим. шарқии Осиё ба ин ноҳия омада, бо муҳоҷирони баъдина омехта шуданд ва пас қабилаҳои бешумори ҳиндуёни америкоиро ташкил карданд. То давраи пеш аз Х. Колумб (то ибтидои а. 16) баъзе аз ин халқҳо соҳиби алифбои худ буда, аз илмҳои астрономия, математика, тибб хабар доштанд ва бо коркарди металлҳои ранга, бофандагӣ, санъати тасвирӣ шуғл меварзиданд. Қисми дигари қабилаҳо (аймара, ацтекҳо, кечуа, майя, инкҳо ва ғ.) сохти давлатии ибтидоии синфӣ доштанд (мас., Копан, Тауантинсуйу, Теночтитлан, Чичен-Ица). Истилои А. Л. аз тарафи европоиён дар охири а. 15 шурӯъ ва дар а-ҳои 16—17 асосан ба анҷом расид. Испаниҳо ва португалиҳо дар ин ҷо дину оин (католикӣ) ва забони ҳудро ҷорӣ немуданд. Зулми мустамликавӣ, миллӣ ва нажодӣ боиси шӯришҳои сершумор мегардид. Дар а-ҳои 18—19 халқҳои мустамликаҳои Франция, Испания, Португалия барои истиқлолият ҷангҳои хунин карданд ва дар натиҷа давлатҳои мустақили А. Л. ба вуҷуд омаданд. Ниг. низ мақолаҳои алоҳида дар бораи давлатҳои А. Л.

АМЕРИКАИ МАРКАЗӢ, қисми ҷанубии Америкаи Шимолӣ, байни гарданаҳои Теуантепек ва Дарьен. Дар ҳудуди А. М. давлатҳои Гватемала, Сальвадор, Гондурас, Никарагуа, Коста-Рика, Панама ва мулки Брит. Кабир — Белиз ва як қисми Мексика ҷой гирифтаанд. Масоҳ. умумиаш 770 ҳаз. км². Аҳол. тақрибан 25 млн наф. (1970).

АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ, материк дар Нимкураи Ғарбӣ, бо Америкаи Ҷанубӣ якҷоя қитъаи Америкаро ташкил мекунад. А. Ш. дар Шим. бо уқ. Яхбастаи Шимолӣ ва хал. Гудзон, дар Ш. ва Ҷ. Ш. бо уқ. Атлантик ва хал. Мексика, дар Ғ. бо уқ. Ором ва хал. Калифорния иҳота шудааст. Онро гарданаи Панама бо Америкаи Ҷанубӣ пайваста, гул. Беринг аз Осиё ҷудо мекунад. Нуқтаҳои интиҳоии А. Ш.: дар Шим. дим. Мерчисон (71° 50′ а. ш.), дар Ғ. дим. Шоҳзода Уэльс (168° т. ғ.), дар Ш. дим. Сент-Чарлз (55° 40′ т. ғ). Масоҳ. А. Ш. 20,36 млн км², бо ҷаз-ҳояш 24,25 млн км². Ҷаз-ҳои калонтаринаш: Гренландия, галаҷаз. Арктикии Канада, Вест-Индия ва дар соҳилҳои ғарбии материк ҷазҳои Алеут, галаҷаз-ҳои Александр, ҷаз-ҳои Маликаи Шарлотта, ҷаз. Ванкувер ва ғ. Нимҷаз-ҳои калонтарини материк: дар Шим. Бутия, Мелвилл, дар Ш. Лабрадор, Флорида, Юкатан, дар Ғ. Калифорния, Аляска, Сьюард. Соҳилҳои А. Ш., махсусан, ноҳияҳои кӯҳӣ (Гренландия, қисми шарқии галаҷаз. Арктикии Канада, соҳили уқ. Ороми Канада ва ҷануби Аляска) каҷу килебанд. Соҳилҳои уқ. Ором, ба ғайр аз қисми шимолӣ, нисбатан ҳамвортаранд. Дар ғарбии Канада ва ҷануби Аляска соҳилҳо фиордианд. Ба қисмҳои ғарбӣ ва шимолии Аляска соҳилҳои аккумулятивӣ ва дельтавӣ хосанд.

Рельеф. Рельефи сатҳи материк якхела нест: қисми ғарбии онро системаи кӯҳии Кордильера, шарқиашро ҳамвориҳои фарох ва кӯҳҳои паст фаро гирифтаанд. Баландии сатҳи қисми ғарбии материк аз с. б. ба ҳисоби миёна қариб 1700 м, қисми шарқиаш — қариб 200—300 м. Дар қисмҳои марказӣ ва шарқии материк бинобар бештар дучор шудани сохти платформагӣ паҳнкӯҳ ва ҳамвориҳои калон ба вуҷуд омадаанд. Дар Шим. ва Шим. Ш. (асосан Канада) баландии Лаврентий воқеъ аст. Дар ҷанубтари он, бештар дар территорияи ШМА, ҳамвориҳои Марказӣ ҷой гирифтаанд. Дар Ғ. онҳо торафт баланд шуда (500—1500 м), ҳамвориҳои Бузург — доманаи кӯҳҳои Кордильераро ташкил медиҳанд. Дар шимоли ҳамвориҳои Бузург пастии Макензи ҷойгир аст. Ҳамвориҳои Бузургро аз Ш. кӯҳҳои Аппалачи фаро гирифтаанд. Барои қисмҳои шарқии галаҷаз. Арктикии Канада ва соҳилҳои Гренландия рельефи кӯҳӣ хос аст. Дар шимоли материк шароити иқлимӣ ба яхпӯш шудани майдонҳои васеи кӯҳӣ мусоидат кардааст. Дар самти ғарбӣ кӯҳҳо тадричан паст шуда, ба пуштакӯҳу пастиҳо иваз мешаванд. Дар канори ҷан. шарқии материк пастиҳои наздисоҳилӣ воқеъ гаштаанд. Дар Ғ. кӯҳҳои Кордильера аз Шим. Ғ. ба Ҷ. Ш. тӯл кашидаанд, ки аз се минтақаи асосӣ иборатанд: минтақаи шарқӣ — кӯҳҳои шахӣ, қ-кӯҳҳои азамати навъи антиклиналианд, ки то 4399 м (к. Элберт) баландӣ доранд; минтақаи дохилии Кордильера — силсилаи паҳнкӯҳи баланд, суфакӯҳ ва пуштакӯҳҳои вулқониро ташкил медиҳад ва онҳо ба водиҳои тангу чуқури тектоникӣ (Водии Марг — аз с. б. 85 м паст) ҷудо шудаанд; минтақаи ғарбӣ — қ-кӯҳҳои хеле баланди Кордильера (қ-кӯҳҳои вулқонӣ), инчунин силсилаи пастхамиҳои байникӯҳиро, ки водиҳои азим (Калифорния, Уилламет) ва халиҷҳоро (Пюҷет-Саунд, Калифорния) ба вуҷуд овардаанд, дарбар мегирад. Дар ин минтақа қ-кӯҳи Аляска воқеъ гардидааст, ки кӯҳи Мак-Кинлии он (6193 м) баландтарин нуқтаи А. Ш. мебошад.

Водии Колорадо.

Сохти геологӣ ва сарватҳои зеризамини. Бештари қисми материки А. Ш. платформаест, ки таҳкурсиашро ҷинсҳои кристаллии давраи токембрий (граниту гнейсҳо ва ғ.) ташкил медиҳанд. Дар Шим. Ш. таҳкурсӣ ҳамчун сипари кристаллии Канада зоҳир мегардад. Дар ҷануби кӯлҳои Бузург таҳкурсии токембрий чуқур рафта, бо таҳнишастҳои бахрии палеозой ва континентии мезозою кайнозой пӯшида шудааст.

Дар шарқи платформаи А. Ш. структураи палеозоии кӯҳҳои Аппалачи тӯл кашидаанд, ки онҳо дар давраҳои чиндоршавии каледонӣ ва герцинӣ ба вуҷуд омадаанд. Сохти чиндории синнашон мезокайнозоии кӯҳҳои Кордильера дар давраҳои чиндоршавии невадаӣ (зонаи марказӣ), ларамӣ (зонаи шарқӣ) ва альпӣ (зонаи соҳили уқ. Ором) ба вуҷуд омадааст. Процесси пайдоиши кӯҳҳо дар Аляска ва Америкаи Марказӣ ҳанӯз давом дорад. Дар А. Ш. сарватҳои зеризаминӣ фаровонанд. Дар кӯҳҳои Аппалачи ва Кордильера конҳои ангиштсанг, дар пастии назди Мексика, Аляска, дар шимоли материк, галаҷаз. Арктикии Канада нефту газ мавҷуданд. Конҳои оҳан, никель, тилло, уран, кобальт, мис, платина ва металлҳои нодир (дар ноҳияи Кӯли Боло ва нимҷаз. Лабрадор ва ғ.), маъданҳои полиметаллӣ ва мис (дар кӯҳҳои Кордильера), захираҳои калони фосфорит (дар Флорида), сульфур, намакҳои калий (дар ҳамвории Марказӣ ва пастии назди Мексика) ёфт шудаанд.

Иқлим. А. Ш. дар 6 минтақаи арзии иқлимӣ ҷойгир аст: арктикӣ, субарктикӣ, мӯътадил, субтропикӣ, тропикӣ ва субэкваторӣ. Қисми зиёди масоҳати он зери таъсири интиқоли ҳавои ғарбӣ мондааст, ки обу ҳавои циклонӣ ва ҳарорати якбора тағьирёбанда дорад. Рельефи сатҳи он имконият медиҳад, ки ба Ш.-и материк массаҳои ҳавои арктикӣ ва тропикӣ дохил гарданд. Нишебаҳои ғарбии кӯҳҳои Кордильера таъсири массаҳои ҳавои уқ. Оромро маҳдуд месозанд. Ҳарор. миёнаи янв. аз — 36° С (галаҷаз. Арктикии Канада) то 20° С (Флорида) тағьир меёбад. Ҳарор. пасттаринро дар Аляска (— 64° С) ва Гренландия (— 70° С) мушоҳида кардаанд. Ҳарор. миёнаи июль аз 4° С (шимоли галаҷаз. Арктикии Канада) то 32° С (ҷан. ғарбии ШМА) мебошад. Ҳарор. баландтаринро дар Водии Марг (57° С) қайд кардаанд. Миқдори солонаи боришот дар ҷан. шарқи Аляска, соҳилҳои ғарбии Канада ва шим. ғарби ШМА ба 2000—3000 мм (дар баъзе ҷойҳо то 6000 мм); дар ҷан. шарқи ШМА ба 1500 мм, дар ноҳияҳои марказӣ ва шим. шарқӣ то 100 мм, дар ҳамвориҳои Бузург то 600 мм, дар ноҳияҳои дохили кӯҳҳои Кордильера то 100 мм ва аз ин ҳам кам мерасад. Дар Шим. Ғ. ва Шим. Ш.-и материк (шимолтар аз 40—44° а. ш.) қабати устувори барф то ба 1 м мерасад.

Обҳои дохилӣ. Дарёҳои асосии А. Ш. ба ҳавзаҳои уқ. Яхбастаи Шимолӣ ва уқ. Атлантик мансубанд. Дарёи дароэтарини ин материк Миссисипи бо Миссури (6420 км), ки манбаи асосиаш борон аст, аз ҳамвориҳои Марказӣ ва Бузург ҷорӣ шуда, ба хал. Мексика мерезад. Дар қисми шимолии материк системаҳои мураккаби кӯлу дарёҳо ба вуҷуд омадаанд: оби д. Ҳазрати Лаврентий ба системаи кӯлҳои Бузург ҷорӣ мешавад, системаи д. Макензи кӯли Атабаска, кӯли калони Ғуломон ва Хирскӯли Калонро дарбар мегирад. Манбаи онҳо асосан барфу борон буда, хеле серобанд. Дарёҳои қисми зиёди кӯҳҳои Кордильера серобу тезҷараён буда, ба ҳавзаи уқ. Ором мансубанд. Манбаашон — барфу борон ва пирьяхҳо. Калонтарини онҳо: Юкон, Колумбия, Фрейзер, Колорадо. Захираи умумии гидроэнергетикии дарёҳои материк—200 млн кВт.

Яхбандӣ бештар аз 2 млн км² масоҳати А. Ш.-ро фаро гирифтааст. Қабати ғафси яхи Гренландия (ғафсиаш ба ҳисоби миёна зиёда аз 2000 м), ки аз ҷор се ҳиссаи ҷазираро пӯшидааст, боқимондаи яхбандии материкии охири давраи чорумин мебошад. Пирьяхҳои калони кӯҳӣ ва теппаҳои яхин дар галаҷаз. Арктикии Канада мавҷуданд. Масоҳати яхбандии ҷануби Аляска низ калон аст. Пирьяхҳои доманаи кӯҳҳо, пирьяхҳои алоҳида ва майдонҳои яхпӯшро дар қуллаҳои Кордильераи Канада, ШМА ва Мексика дидан мумкин аст.

Хок ва олами набототи А. Ш. гуногун аст; дар шарқи материк як қатор зонаҳои арзӣ ва дар ноҳияи кӯҳсори Кордильера якчанд минтақаҳои баландкӯҳ мавҷуданд. Қисми канории шимоли материкро зонаи биёбонҳои арктикӣ фаро гирифта, каму беш бо ушна пӯшида шудааст ва заминаш бештар санглох мебошад. Андаке ҷанубтар зонаи тундра воқеъ гардидааст, ки он қисми ҷанубии галаҷаз. Арктикии Канада ва соҳилҳои уқ. Яхбастаи Шимолиро дарбар гирифта, дар ин ҷо ушнаю гулсанг, растаниҳои буттагӣ, паканатӯс, бед ва ғ. меруянд. Хокаш тундрагию глей ва ботлоқист. Боз ҳам ҷанубтар, аз доманаи кӯҳҳои Кордильера то соҳилҳои уқ. Атлантик, зонаҳои бешатундра ва тайга тӯл кашидаанд. Дар бешатундра ҳоҳ ҷитъаҳои холии дорои набототи тундрагӣ ва ҳоҳ массивҳои хурди беша (асосан дар соҳили дарёҳо) вомехӯранд. Хокаш хокистарии глей ва яхбастаи тайгавӣ аст. Дар зонаи тайга массивҳои бешаи анбӯҳ бештар буда, ба ғайр аз ҳоҷ, инчунин пихтаи бальзамӣ, шарбини америкӣ, тӯс ва сафедор меруянд. Хокаш бештар хокистарӣ аст. Зонаи тайга дар Ш. ба зонаи бешаҳои омехта ва паҳнбарги минтақаи мӯътадил, дар Ҷ. бошад, ба зонаи субтропикии бешаҳои муссонӣ ва бешаҳои тропикии сернам (ҳудуди ҷанубии Флорида) табдил меёбад. Навъи дарахтон хеле гуногун аст. Дар бешаҳои омехта, ғайр аз дарахтони сӯзанбарг (ҳоҷ, писта, хемлоки канадӣ, санавбар), заранг (сурх, нуқратоб, наботӣ) ва булутҳои муқаррарӣ месабзанд. Дар бе-

Ландшафти хоси галаҷазираи назди Аляска.

шаҳои паҳнбарг бештар булут (сафед, сурх, калонмева), липа, бук, дарахти лолагул, магнолияи баргрез ва ғ. вомехӯранд. Дар ҷангалҳои муссонӣ дарахтони баргрезу ҳамешасабз, инчунин санавбар, нахл, сарви ботлоқӣ, ликвидамбр, нисса меруянд. Бешаҳои тропикӣ бештар аз дарахтони нахл иборатанд. Хоки минтақаи бешазор хокистарию бӯр ва бӯри бешагӣ, зарду сурхи субтропикӣ, латеритии зарди сурхтоби тропикӣ аст. Дар Ғ. зонаи бешазор ба зонаи бешадашт ва дашти сералафи прерияҳо, ки хоки онҳо сиёҳтоб ва сиёҳи маргзорӣ аст, табдил ёфта, тадричан ба зонаи даштҳои муқаррарӣ ва хушки хокаш сиёҳтобу хурмой мегузарад. Кӯҳҳои Кордильера ба минтақаҳои зерин тақсим мешаванд: минтақаи бешазори тайгаи кӯҳӣ ва бешазори сирак, инчунин тундраи кӯҳӣ дар Аляска ва Канадаи Шим.; минтақаи бешазори дарахтони ғафстанаи кӯҳӣ, бешазори субальпӣ ва маргзори альпӣ дар сарҳади ШМА ва Канада; минтақаи даштҳои доманакӯҳ, бешазори сираки санавбари кӯҳӣ ва буттаҳои дурушт-барг, бешазори субальпӣ, дар қуллаи кӯҳҳои ҷан. ғарби ШМА ва Мексика, минтақаи бешаҳои омехта ва ҳамешасабзи тропикии кӯҳӣ дар ҷануби Мексика ва Америкаи Марказӣ.

Олами ҳайвоноти А. Ш. ба олами ҳайвоноти Осиё ва Европа шабоҳат дорад (хирси сафед, гавазни шим., гург, рӯбоҳ, харгӯш, қоқум, рӯбоҳи шим., санҷоб). Дар зонаҳои тундра ва бешазор намудҳои эндемӣ — барзагови мушкин, гавазни америкӣ, силовсини канадӣ, сӯзанпашм низ вомехӯранд. Дар бешаҳои паҳнбарг ва субтропикӣ гавазни виргинӣ, хирси барибал, қашқалдоқи америкӣ, тутии каролинӣ, чилмангӯштак; дар

Чашмаҳои гарм дар боғи Иеллоустон.

Калифорния. Кактусҳо.

дашту прерияҳо хояндаҳо (харгӯш, юрмон, мушу калламушҳо); дар бешаҳои кӯҳҳои Кордильера гӯсфанди ғафсшох, хирси гризлӣ, пума, дар дашту биёбони паҳнкӯҳҳо бузи ваҳшӣ ва хазандаҳои гуногун, аз ҷумла мори ҷарангдор ва калтакалоси захрнок — гелодерма бисьёранд. Дар Миссисипи аллигатор, дар Флорида тимсоҳ вомехӯрад.

Ноҳияҳои табиӣ. Аз рӯи шароити табиӣ А. Ш.-ро ба якчанд ноҳияҳои калони табиӣ ҷудо кардан мумкин аст, дар Шим.: 1) Ноҳияи арктикӣ, ки ҷазираҳои арктикӣ ва соҳилҳои тундрагии материкро дарбар мегирад; 2) Баландии Лаврентий дар қисми зиёди зонаи тайга; 3) Ҳамвориҳои Марказӣ; 4) Водии д. Макензи; 5) Ҳамвориҳои Бузург; 6) Пастиҳои соҳили Мексика ва соҳили атлантикии ШМА; 7) Ноҳияи кӯҳсори Аппалачи. Дар кӯҳҳои Кордильера: 1) Кордильераи шимолӣ ё Кордильераи Аляска; 2) Кордильераи Канада; 3) Кордильераи ҷанубӣ, ё Кордильераи ШМА; 4) Кӯҳсори Мексика ва нимҷаз. Калифорния; 5) Ноҳияи Америкаи Марказӣ.

Аҳолӣ. Дар А. Ш. аз қадим қабилаҳои ҳиндуҳо зиндагӣ мекарданд, ки ба тоифаи махсуси муғулнажод мансубанд. Дар а. 16 ба ин ҷо муҳоҷирати европоиҳо: испаниҳо, франсавиён, голландиҳо, шведҳо, англисҳо ва ғ. сар шуд. Дар натиҷаи омезиш миллатҳои америкоиҳо, англису канадиҳо, франсавиёну канадиҳо, мексикоиҳо ба вуҷуд омаданд. Омезиши ҳиндиҳою муҳоҷирон боиси пайдоиши чандин гурӯҳҳои омехтанажод гардид. Қисми аҳолии А. Ш.-ро зангиҳо ташкил медиҳанд. Шумораи умумии аҳолии А. Ш. (бо А. Марказӣ) 343 млн нафр. (1975).

Тақсимоти сиёсӣ. Дар ҳудуди А. Ш. давлатҳои зерин ҷой гирифтаанд: ШМА, Канада, Мексика, мулки Дания—Гренландия, мулки Франция—ҷаз-ҳои Сен-Пьер ва Микелон; дар А.-и Марказӣ: Гватемала, Сальвадор, Гондурас, Белиз, Коста-Рика, Никарагуа, Панама; дар ҷаз-ҳои Вест-Индия: Иттиҳоди ҷаз-ҳои Багам, Барбадос, Гаити, Гренада, Республикаи Доминикана, Ямайка, Тринидад ва Тобаго, инчунин як қатор мулкҳои Брит. Кабир, Нидерланд, Франция ва ШМА. Дар натиҷаи ғалабаи революцияи халқӣ нахустин дар А. Ш. давлати социалистӣ — Республикаи Куба барпо гардид.

Харитаро ниг. дар саҳ. 144—145.

Ад.: Витвицкий Г. Н., Климаты Северной Америки, М., 1953; Ирдли А., Структурная геология Северной Америки, пер. с англ., М., 1954; Народы Америки, т. 1—2, М., 1959; Игнатьев Г. М., Северная Америка, М., 1965.

АМЕРИКАИ ҶАНУБӢ, материк дар қисми ҷанубии Нимкураи Ғарбӣ; якҷоя бо Америкаи Шим. қитъаи Америкаро ташкил медиҳад. А. Ҷ.-ро аз Шим. б. Кариб, аз Ш. уқ. Атлантик, аз Ғ. уқ. Ором, аз Ҷ. гул. Магеллан иҳота карда, онро гарданаи Панама бо А. Шим. мепайвандад. Нуқтаҳои интиҳоии материк: дар Шим.— дим. Гальинас (12° 25′ а. ш.), дар Ҷ.— дим. Фровард (53° 54′ а. ҷ.), дим. Горн дар ҷаз. Горн (55° 59′ а. ҷ.), дар Ш.— дим. Кабу Бранку (34° 46′ т. ғ.), дар Ғ.— дим. Париньяс (81° 20′ т. ғ.). Тӯлаш аз Шим. ба Ҷ. 7150 км, аз Ш. ба Ғ. то 5150 км. Масоҳати А. Ҷ. якҷоя бо ҷазираҳо 17,83 млн км², бе ҷазираҳо 17,68 млн км². Ҷазираҳои калонтаринаш: Замини Оташин, Чилоэ, Галапагос, Фолкленд ва ғ.

Рельеф. Шарқи А. Ҷ. асосан аз паҳнкӯҳҳои баландиашон миёна, ҳамвориҳои баланд ва пастиҳо иборат аст. Шим. ва Ғ.-и материкро системаи кӯҳии Кордильераи Анд, ё ҳуд кӯҳҳои Анд иҳота кардаанд, ки ба масофаи 9000 км тӯл мекашанд, баландтарин нуқтаи он 6960 м (к. Аконкагуа). Дар Шим. Ш. ва Ш.-и материк паҳнкӯҳҳои Гвиана (к. Неблина, 3014 м) ва Бразил (к. Бандейра, 2890 м) қад кашида, онҳоро пастии Амазонка (Амазония) аз ҳам ҷудо мекунад; дар Ҷ. ҳамвориҳои Пампа ва пуштакӯҳи Патагония (бал. дар Ғ. то 2200 м) воқеанд. Ин паҳнкӯҳҳо ба барҷастагиҳои калони платформаҳои Америкаи Ҷанубӣ ва Патагония, пастии Амазония бошад, ба фурӯхамидаи васеи платформаҳо — синеклиза мувофиқат мекунанд. Дар фурӯхамидаҳои канорӣ ва наздикӯҳии байни кӯҳҳои Анд ва паҳнкӯҳҳо пастии Ориноко ва ҳамвориҳои дохилӣ (Пантанал, Гран-Чако, Байаннаҳрайн ва Пампа) ҷой гирифтаанд.

Сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминӣ. Аз ҷиҳати тектоникӣ тамоми территорияи А. Ҷ. ба 2 структураи асосӣ ҷудо мешавад: дар Ғ. геосинклиналӣ, дар Ш. платформагӣ. Оғози ташаккульёбии структураи геосинклиналӣ — кӯҳҳои Анд ба охирҳои палеозою аввалҳои мезозой рост меояд. Процесси кӯҳпайдошавӣ то ҳол давом дорад, ки дар ин бора зуд-зуд рӯй додани зилзилаю оташфишонии вулқонҳо шаҳодат медиҳанд. Дар Ш. структураи платформагӣ аз платформаҳои Америкаи Ҷанубӣ ва Патагония иборат аст. Таҳкурсии қадими эраи архей дар сипарҳои Гвиана, Бразили Ғарбӣ ва Бразили Шарқӣ ба рӯ баромадааст. Ноҳияҳои платформагие, ки аз ҳудуди ин сипарҳо берунанд, асосан бо таҳнишастҳои континентӣ пӯшида шудаанд. Байни ноҳияҳои платформагию геосинклиналӣ пастхамиҳои тектоникии Ориноко, Гран-Чако, Ла-Плата; байни кӯҳҳои Анду сипарҳои Гвиана ва Бразили Ғарбӣ пастхамии Амазонка воқеанд. Ин пастхамиҳо бо таҳнишастҳои баҳрӣ ва ҷинсҳои обовард пур шудаанд. Ташаккульёбии платформаҳо дар давраи токембрий сар шуда, дар кембрий низ давом дошт ва чиндоршавии Байкал (Бразил) боиси ба ҳам пайвастани платформаҳо гардид. Дар давраи триас дар ҳавзаи Парана қишри замин кафида, лавафишонии базальтӣ ба амал омад. А. Ҷ. аз сарватҳои зеризаминӣ бой аст. Нефту газ дар фурӯхамидаҳои байникӯҳӣ ва назди кӯҳҳо, инчунин фурӯхамидаҳои платформаҳо маҳфузанд. Захираҳои зиёди онҳо дар шимоли Венесуэла, Экуадор, Колумбия, инчунин Перу, Бразилия ва Аргентина ҳастанд. Конҳои калони мис дар Чили ва Перу, оҳан дар Бразилия, Венесуэла ва Чили, манган дар Бразилия, боксит дар Гайана, Суринам ва Венесуэла, металлҳои нодиру ашьёи ҳоми оптикӣ, инчунин тилло, платина, нуқра, висмут, вольфрам, симоб, кобальт, алмос, сульфур, селитра, йод ва ғ. дар аксар ҷойҳо мавҷуданд.

Иқлими қисми зиёди А. Ҷ. субэкваторӣ ва тропикӣ буда, мавсимҳои беборишу серборишро дорад, дар Амазония якзайл боронгарӣ, иқлими Ҷ.— субтропикӣ ва мӯътадил. Ҳарор. моҳонаи ҳамвориҳои қисми шимолии материк то тропики ҷанубӣ ба ҳисоби миёна 20—28° С. Тобистон дар Нимкураи Ҷанубӣ (моҳи янв.) ҳарорат рӯ ба Ҷ. паст шудан мегирад (дар Патагония аз 20° то 10° С). Зимистон (моҳи июль) дар паҳнкӯҳи Бразил ҳарорати миёнаи моҳона то 12—16° С, дар Пампа то 6—10° С, дар пуштакӯҳҳои Патагония то 0° С ва аз ин паст мешавад. Бо вуруди ҳавои сарди Ҷ. ҳатто дар ҷануби Гран-Чако ва паҳнкӯҳи Бразил аёс сар меза-над. Миқдори боришоти солона дар нишебаҳои ғарбии кӯҳҳои Анд, дар ғарби Колумбия ва ҷануби Чили аз ҳама бештар — 5000—8000 мм, дар Амазонияи Ғарбӣ ва нишебаҳои шарқии паҳнкӯҳҳои Гвианаю Бразил 2000—3000 мм мебошад. Дар қисми боқимондаи шарқи материк (то 35° а. ҷ.) боришоти солона 1000—2000 мм аст. Иқлими Патагония, ки ҷиҳатҳои назди уқ. Ором (аз 5° то 27° а. ҷ.) ва қисми ҷанубии паҳнкӯҳҳои Анди Марказӣ хеле хушк (боришоти солонааш 150—200 мм).

Обҳои дохилӣ. Обҳои қисми зиёди А. Ҷ., аз ҷумла пуробтарин дарьёи ҷаҳон — Амазонка, ки дар арзҳои

Бешаи сернами тропикӣ дар Амазония.

экваторӣ ҷорӣ аст, ба уқ. Атлантик мерезанд. Шохобҳои сершумори Амазонка ва дарёҳои дигари минтақаҳои субэкваторию тропикӣ (калонтарини онҳо: Парана бо Парагвай, Ориноко, Сан-Франсиску), ки манбаи асосиашон борон аст, тобистон дучори обхезиҳои калон, зимистон бошад, хеле камоб мешаванд; дар паҳнкӯҳҳо остонаю шаршараҳои онҳо бисьёр аст. Дарёҳои Патагония, ки пуштакӯҳро чуқур бурида мегузаранд, камобанд. Дарёҳои кӯтоҳу пуртуғьёни Анди Шимолӣ ва Ҷанубӣ, ки манбаашон борону барф ва пирьяхҳост, оби худро ба уқ. Ором мерезанд. Дар Гран-Чако, Пампа ва ғарбтари он — ноҳияи назди Кордильера, кӯҳсори Анди Марказӣ ва минтақаи ғарбии биёбон, майдонҳои васее аз оби равон маҳрум буда, кӯлҳои шӯр ва шӯрзаминҳо бисьёранд. Дар Анди Ҷанубӣ кӯлҳои калони пирьяхӣ (Буэнос-Айрес ва ғ.), дар Анди Марказӣ кӯли калони тектоникии Титикака ва дар Шим. кӯли Маракайбо воқеанд.

Хок ва олами наботот. Дар ноҳияи иқлимаш экваториии сернам, ки хоки он латеритии зарди сурхтоб аст, бешаҳои анбӯҳи ҳамешасабз — сельвасҳо паҳн гаштаанд. Дар минтақаҳои иқлими субэкваторӣ бешаҳои гуногуни баргрезу ,ҳамешасабз (дар шарқи Амазония, паҳнкӯҳи Гвиана, шимоли паҳнкӯҳи Бразил ва ғ.) ва саваннаҳои сералаф—льяносҳо (дар пастии Ориноко), саваннаҳои сербутта — кампос-серрадос (дар маркази паҳнкӯҳи Бразил) ё бешазорҳои хушки камдарахт — каатинга (дар шим. шарқи паҳнкӯҳи Бразил) дучор меоянд; хокашон асосан сурхи ҷигарӣ ва сурхи бӯртоб. Бешаҳои сернами хокашон сурхи латеритии минтақаи тропикии паҳнкӯҳи Бразил дар Ғ., дар Гран-Чако, ба бешазори хушки камдарахти хокаш сурхи ҷигарӣ табдил меёбанд. Хоку набототи пуштакӯҳҳои Анди Марказӣ ва назди соҳили ғарбӣ биёбонианд, дар субтропикҳои ҷануби паҳнкӯҳи Бразил бешаҳои сӯзанбарги сурххок, дар ҷанубтари он саваннаи сералафи сиёҳхоки сурхтоб паҳн гаштаанд; дар Пампа дашти сабзу хуррами сиёҳхок рӯ ба самти Ғ. ба дашти хушки хокаш ҷигарӣ ва нимбиёбон табдил меёбад. Дар Ғ., дар Чилии Миёна, байни 28°—38° а. ҷ., бешаҳои дуруштбарг ва буттазори хокаш ҷигарӣ, байни 38°—42° а. ҷ. бошад, бешаҳои сернами ҳамешасабзи паҳнбаргу сӯзанбарги тирахок мавҷуданд. Дар Патагония нимбиёбони сербуттаи тирахок, дар кӯҳҳои Анди Ҷанубӣ бешаҳои омехтаи анбӯҳи тирахоки кӯҳӣ бартарӣ доранд. А. Ҷ. макони бисьёр растаниҳои қиматбаҳо: гевея, дарахти хина, дарахти сурх, какао ва ғ. мебошад.

Олами ҳайвонот. А. Ҷ. олами ҳайвоноти ба худ хос дорад. Дар бешаҳои анбӯҳи назди экватор ҳайвоноти гуногуни чангакдум, аз ҷумла маймуни паҳнбинӣ, танбалҳо, мӯрчахӯрак, ҷайраи дарахтгард, опоссумҳо ва ғ. вомехӯранд. Аз ҳайвоноти рӯизаминӣ кашафпушти азимчусса, ягуар, гурги ёлдор ва хуки обии капибара бисьёр аст. Дар дарьёҳо қариб 2000 хел моҳӣ, аз ҷумла мормоҳии барқдор, моҳии пулакчадори дубаҳра, пиранья ва ғ. вомехӯранд. А. Ҷ. аз орнитофауна (тӯтӣ, чилмангӯштак, лошахӯр ва ғ.) ва хазандаҳо (морҳои заҳрдору безаҳр, аз ҷумла калонтарин мори замин — анакондаи обӣ, сангпушту кайманҳо) бой аст. Дар дашту нимбиёбонҳои ҳамвор пума, гавазни пампагӣ, саги магелланӣ, сагобӣ, шутурмурғи дарвинӣ ва паррандаи калонтарини замин — кондор ҳастанд.

Ноҳияҳои табиӣ. А. Ҷ. аз рӯи хусусиятҳои табиӣ ба 2 қисми калон ҷудо мешавад: Дар Ш. ҳамворию паҳнкӯҳҳои материк (ба ғайр аз кӯҳҳои Анд) ва дар Ғ. кӯҳсори Анд. Қисми аввал ноҳияҳои зеринро дарбар мегирад: Льянос—Ориноко, Амазония, кӯҳсори Гвиана ва кӯҳсори Бразил, Ноҳияҳои Дохилӣ, доманаи кӯҳҳои Кордильера ва Сьерра-Пампа, Патагония; қисми дуюм аз Анди Шим., Анди Марказӣ, Анди субтропикӣ ва Анди Патагония иборат аст.

Соҳили д. Сан-Хуан (Колумбия).

Яке аз ландшафтҳои кӯҳсори Бразил.

Аҳолӣ. А. Ҷ. қариб 217 млн наф. аҳолӣ дорад (1975). Сокинони таҳҷоии А. Ҷ.— ҳиндуҳо. Тахмин мекунанд, ки 30—20 ҳаз. сол аз ин муқаддам аҷдодони онҳо аз шим. шарқи Осиё ба А. Шим. омада, аз он ҷо ба А. Ҷ. гузаштаанд. Дар Америкаи Марказӣ ва Ҷанубии пеш аз Колумб аввалин ҷамъиятҳои синфии халқҳои ҳинду: майя, ацтекҳо, чибчаҳо (муискаҳо) ва инкҳо ташаккул ёфтанд. Машғулияти асосиашон деҳқонӣ буд. Дар ибтидои а. 16 А. Ҷ. аз тарафи европоиён забт карда шуда, ба Бразилия португалиҳо ва ба қисмҳои дигари он испаниҳо омаданд. Хиндуёни ноҳияҳои назди Атлантик ғулом ва ё қир карда шуданд. Як қисми онҳо бо европоиён

Бразилия. Плантацияи каҳва.

даромехта, табақаи дурагаҳоро ташкил доданд. Дар ҳайати халқҳои навташкили А. Ҷ. одамони гуногуннажод (дурагаҳо, мулатҳо, сафедпӯстон ва ғ.) аксариятро ташкил медиҳанд. Мардуми А. Ҷ. ба забонҳои романии оилаи ҳиндуевропой — испанӣ, португалӣ ва франсавӣ гуфтугӯ мекунад. Дар давоми а. 19 ва ибтидои а. 20 ба А. Ҷ. аз мамлакатҳои гуногуни Европаю Осиё чандин миллион одамон кӯчида омаданд.

Таҷсимоти сиёсӣ. Дар территорияи А. Ҷ. давлатҳои зерин ҷой гирифтаанд: Аргентина, Боливия, Бразилия, Венесуэла, Гайана, Колумбия, Парагвай, Перу, Суринам, Уругвай, Чили, Экуадор, Гвианаи Франсавӣ — мулки Франция (аз с. 1946 расман «Департаменти хориҷӣ»).

Харитаро ниг. дар саҳ. 144—145.

Ад.: Алисов Б. П., Климатические области зарубежных стран, М.,

1950; Лукашова Е. Н., Южная Америка, М., 1958; Магидович И. П,. Очерки по истории географических открытий, М., 1957; Очерки по геологии Южной Америки, пер. с англ., М., 1959; Хаин В. Е., Региональная геотектоника, т. 1, М., 1971; Карасик Г. Я., Водный баланс Южной Америки, М., 1974.

«АМЕРИКАНА», ниг. *Энциклопедияи америкой.*

АМЕРИКОИҲО, 1) миллат, аҳолии асосии ШМА. А. инчунин дар мулкҳои тобеи ШМА зиндагонӣ мекунанд. 213610 ҳаз. нафар (1975), аз ҷумла 22 млн зангӣ ва мулатҳо (дурагаҳо), ки маҳкуми зулми миллианд. Асосан миллатро англисҳо, шотландҳо, ирландҳо, голландҳо, данияҳо, французҳо, испанҳо (ба миқдори кам) ва диг. халқҳо, ки дар ибтидои а. 17 аз Европа ба мулкҳои дар Америкаи Шимолӣ будаи Англия омада буданд, ташкил доданд. Дар ташаккули миллати А. ҳиндуҳо ва африкоиҳо низ ширкат доштанд. Миллати А. пеш аз Ҷанги Америкаи Шимолӣ барои истиқлолият (1775—83) ва дар рафти он ташаккул ёфт. Минбаъд ба ҳайати миллати А. намояндагони гурӯҳҳои этникие, ки ба ШМА муҳоҷир шудаанд, дохил гардиданд. Онҳо бо А. омехта, ба ташаккули қиёфа, забон ва маданияти А. таъсир расонданд. Дар миёнаи а. 19, пеш аз Ҷанги граждани дар ШМА ба ин сарзамин гурӯҳ-гурӯҳ ирландҳо ва немисҳо омаданд. Дар охири а. 19 ба ШМА омадани муҳоҷирон аз Европаи Шарқӣ ва Ҷанубӣ низ авҷ гирифт, ки ин боиси гуногунтаркибии этникии аҳолии ин сарзамин гардид. Дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) аз Мексика ва мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ҳам муҳоҷирони бисьёре ба ШМА омаданд. Баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар натиҷаи қонуне, ки ҳиҷрати халқҳоро ба ШМА маҳдуд кард, шумораи муҳоҷирон кам шуд. А. миллати нисбатан ҷавон буда, ташаккули этникии он ҳанӯз ба охир нарасидааст. Бисьёр гурӯҳҳои миллие, ки ба ҳайати А. дохиланд (поляҳо, итолиёвиҳо ва диг.), дар шакли тағьирьёфта боқӣ ҳам, унсурҳои маданияти миллии худро нигоҳ медоранд. Забони давлатӣ ва гуфтугӯии А. англисӣ мебошад. Дар ШМА қариб 260 оини насронӣ ва ҷараёнҳои динӣ мавҷуд аст. Маъмултарини онҳо протестантӣ ва католикӣ мебошад.

2) Баъзан тамоми аҳолии мамлакатҳои қитъаи Америкаро А. меноманд.

Ад: Народы Америки, т. 1, М., 1959; Ефимов А. В., Очерки истории США, 2 изд., М., 1958.

АМЕТИСТ, ҷ а м а с т, минерал, як навъи кварц (SiO_2). Рангаш бунафш ё бунафши осмонӣ, шаффоф. Асосан дар пегматитҳои гранитӣ, рагҳои кварцӣ, ковокиҳои ҷинсҳои вулқонӣ вомехӯрад. Беҳтарин намунаҳои А.-ро дар заргарӣ ва маснуоти ороиш истифода мебаранд. А.-ҳои зеботарин дар Урал ва Бразилия ёфт мешаванд. Онро ба тарзи сунъӣ ҳам ҳосил мекунанд.

АМЁБАҲО (Amoebina), гурӯҳи организмҳои содда, мансуби синфи *решапойҳоанд.* Диаметри баъзе А. 20 мкм, диаметри амёбаи калонтарин (мас., Amoeba proteus) то 700 мкм аст. Аксари А. дар обанборҳои ширин, баъзеашон дар хоки нам ва рег зиндагонӣ мекунанд. Бадани А. пӯсти сахт надорад, аз ин сабаб шакли онҳо тағьирпазир аст. Пои А. қалбакӣ буда, вазифаи ҳаракат ва доштани ғизоро иҷро мекунад. Дар шароити номусоид (хушк шудани об, сардӣ, камии ғизо ва ғ.) бадани А. тағьир ёфта, курашакл мегардад. Дар ҳамин давра бадани А. бо пӯсти сахт (циста) пӯшида мешавад. А. бактерия, обсабзҳои майда ва мавҷудоти соддатаринро меҳӯранд. А. асосан бо роҳи ба ду тақсим шудан меафзоянд. А.-и паразити одам ва ҳайвон низ маълуманд. Дар байни онҳо, хусусан амёбаи дизентерӣ (Entamoeba histolytica) зарарнок аст. Он дар рӯда паразитӣ карда, боиси бемории *амёбиаз* мегардад.



Амёбаи протей:
1 — ҳаста; *2* — вакуоли ҳазмкунанда; *3* — вакуоли кашишдор; *4* — пои қалбакӣ; *5* — боқияи ғизои ҳазмношуда, ки ихроҷ мешавад.

АМЁБИАЗ, дизентерияи амёбавӣ, бемории сироятӣ (як навъ исҳол), ки дар натиҷаи дар бофтаҳои рӯдаи ғафс ва баъзе диг. узвҳо паразитӣ кардани Entamoeba histolytica ном амёба рӯй медиҳад. Дилбеҳузурӣ, дам ба дам қайкунӣ, шикамдардӣ, исҳоли хуну луобомез (дар як шабонарӯз 6—10 маротиба), безобитагӣ, табларза ва ғ. аломатҳои А.-анд. Сироят дар натиҷаи бо об ё таоми ифлос фурӯ бурдани цистаи амёба ба вуқӯъ меояд. Амёба қабатҳои пардаи луобии бофтаҳои рӯдаи ғафс ва баъзе диг. узвҳоро захмдор намуда, ба хун мегузарад ва мумкин аст дар ҷигар, гурда ва шуш думбал (абсцесс) ҳосил кунад. А. ҳоси иқлими гарм мебошад. Одамоне, ки организмашон амёбаи сироятӣ дорад, аз ҷиҳати эпидемиологӣ хавфноканд. Беморон танҳо дар беморхонаҳо табобат карда мешаванд. Омилҳои муҳимми пешгирӣ кардани А. риоя намудани тозагӣ, гигиенаи шахсӣ ва минбаъд аз байни шифоёфтагон шахсони цистаи амёба доштаро ёфта муолиҷа кардан аст. Тадқиқи А. дар РСС Тоҷ. аз с. 1933 идома дорад.

Ч. М. Ҳошимов.

АМИЛАЗАҲО, ферментҳои махсус, ки оҳар ва диг. полисахаридҳоро аз қанди содда ба занҷири кӯтоҳтар ва баъд ба моносахаридҳои озод таҷзия мекунанд. Вобаста ба маҳсули гидролиз α—, β— ва γ— амилаза мешаванд. α— А. полисахаридҳоро то декстрин, β — А. мальтозаро ва γ—А. боқимондаи глюкозаро аз молекулаи полисахаридҳо таҷзия мекунанд. А.-ро дар аксари мӯҳрадорон ғадуди зери меъда, дар одам ва баъзе ширхӯрон ғадудҳои луобӣ ҳам ҷудо мекунанд. А.-и ғадудҳои луоби даҳон, шираи зери меъда ва донаи нешзада хеле фаъоланд.

АМИЛОИДӮЗ, д и с т р о ф и я и а м и л о и д и, дар натиҷаи вайрон шудани мубодилаи сафеда, дар аъзо ва бофтаҳо ҷамъ шудани моддаи сафедавӣ — амилоид. Дар мавриди шадид шудани А. аъзои иллатдор варам карда, сахт мешавад. А. якумин, дуюмин, пирӣ ва ҷузъии омосшакл мешавад. А.-и я к у м и н новобаста ба беморие инкишоф меёбад ва ба он бештар мушакҳо, системаи рагҳои дил, ҳозима, пӯст гирифтор мешаванд. А.-и д у ю м и н бештар дар натиҷаи беморӣҳои музмин (мас., сили шуш, устухон, лимфогранулематоз ё остеомиелит — илтиҳоби маҳзи устухон ва илтиҳоби музмини шуш) пайдо шуда, то ба маддакунӣ ё вайроншавии бофта оварда мерасонад. Ба А.-и дуюмин одатан испурч, ҷигар, гурда ва ғадудҳои болои гурда гирифтор мешаванд. А.-и п и р ӣ кам вомехӯрад. Аз он ранг ва мушакҳои дил, шуш, устухон ва пӯст осеб меёбанд. А.-и ҷ у з ъ и и о м о с ш а к л аз ҷамъ шудани амилоид асосан дар ҳанҷара, забон, димоғ ва пӯст падид меояд.

М у о л и ҷ а: истифодаи доруҳои иммунодепрессивӣ (реакцияи иммунобиологиро сусткунанда) ва доруҳои таъини ҷигар.

АМИН (ар. أمين вакил, шахси мӯътамад), 1) амалдор, сардори як ва ё якчанд деҳ дар баъзе туману вилоятҳои бекнишини аморати Бухоро. А. дар водии Фарғона, волостҳои уезди Самарқанд, Каттақӯрғон аз тарафи вакилони халқ интихоб мешуд. Дар аморати Бухоро А. ба амлокдор, дар губернатории ҳарбии Туркистон ба сардори волость тобеъ буд. Вазифаи асосии А. аз халқ ситондани хироҷ, тақсими обу замин, ғундоштани андози бозор *(аминона)* буд. 2) Дар баъзе шаҳру районҳои РСС Тоҷ. раиси комитети маҳалла ё гузарро А. меноманд.

АМИН АҲМАДИ РОЗӢ امین احمد رازی муаррих ва адиби а. 16. А. А. Р. дар Рай тав. ёфта, ба камол расидааст. Асари машҳураш тазкираи *«Ҳафт иқлим»* (таълифаш 1593) шарҳи аҳволи шоирони асрҳои гуногунро дарбар мегирад. «Ҳафт иқлим» дар тадқиқи таърихи адабиёти форсточик аз манбаъҳои пуразиши адабӣ, ҷуғрофӣ ва таърихӣ ба шумор меравад. *М. Муллоахмадов.*

АМИН ҚОСИМ امین قاسم (1865, Қоҳира — 1908, ҳамон ҷо), нависандаи араб (Миср). Аслан курд. Фак-ти ҳуқуқшиносиро дар Франция ба итмом расонда, дар вазифаҳои гуногуни вазорати адлия ва вазорати корҳои дохилӣ кор кардааст. Нахустин таълифоти ӯ рисолаи мубоҳисавӣ ба забони франсавӣ «Ҷавоб ба герцог Д'Аркур» (1894) мебошад, ки дар он муҳокимаҳои сатҳии Д'Аркур оид ба ислом танқид шудааст. А. Қ. дар китобҳои «Озодии занон» (1899) ва «Зани ҷадид» (1911) аввалин бор дар адабиёти араб масъалаи зананро ба миён гузошт. Нависанда сабабҳои мазлумии занони Шарқро на танҳо дар аҳкоми ислом, инчунин дар сохти иҷтимоӣ низ дидааст.

АМИНЗОДА Муҳиддин (1904, Хуҷанд, Ленинободи ҳозира — 1. 9. 1966, Ленинобод), шоир ва тарҷумони советии точик, Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Точ. (1964). Падараш мударрис буд. То Рев. Октябрь дар мактаби кӯҳна хонда, маълумоти асосиро дар давраи советӣ гирифтааст. С-ҳои 20 А. дар мактаби миёна муаллим буд. Аз 1932 то охири с-ҳои 40 дар театрҳои Ленинобод ва Душанбе роҳбари адабӣ буда, чанд гоҳ дар омӯзишгоҳи мусиқӣ дарс медод. Аввалин шеърҳои А. дар газетаи «Овози точик» (1926) чоп шуда, нахустин маҷмӯаи ашъораш бо унвони «Чаман» с. 1937 нашр ёфтааст. Дар арзи чил соли эҷодиёташ «Баҳори Ватан» (1940), «Садои зафар» (1944), «Шеърҳои мунтахаб» (1949), «Баҳори дил» (1964) ва ғ. зиёда аз даҳ китоби ӯ нашр гардидааст. Мавзӯи асосии ашъори А. васфи В. И. Ленин ва Партияи Коммунистӣ, тараннуми Рев. Октябрь ва воқеияти социалистӣ, озодии занон, мактабу маориф, қаҳрамонии халқ дар сохтмони ҳаёти нав, мазаммати боқимондаи урфу одатҳои кӯҳна мебошад. Фаъолияти ҳаҷвнигории А. аз шеъри «Ҳасрати як домулло» (1928) сар шуда, то охири умраш давом кардааст. А. дар такомули шаклҳои шеърӣ, сабк ва бадеияти назми советии точик ҳиссаи арзанда гузоштааст. А. дар мавзӯи ташаккули синфи коргари точик драмаи мус. «Шараф»-ро навишт, ки театри Ленинобод (1935) ба саҳна гузошта буд. Дар тарҷумаи драмаи «Фарҳод ва Ширин» (ҳамроҳи Раҳим Ҷалил) иштирок кардааст. А. зиёда аз панҷоҳ суруд, дуэт, лапар ва ғ. эҷод кардааст, ки як қисми онҳо имрӯз ҳам дар репертуари ҳофизони точик боқист. Аз адабиёти халқҳои СССР зиёда аз 130 ҳазор мисраъ шеър, ду повесть, як силсила ҳикоя, зиёда аз 20 драмаи мусиқӣ ва либреттои 10 опера бо қалами А. ба точикӣ тарҷума шудааст. «Лӯлиён» ва «Борис Годунов»-и А. С. Пушкин, шеърҳои М. Ю. Лермонтов, Т. Г. Шевченко, И Франко, порчаҳо аз достони «Палангинапӯш»-и Руставели ва эпоси армании «Довуди сосунӣ», достони «Фарҳод ва Ширин»-и Навоӣ, ғазалиёти Махдумқулӣ ва диг. классикон ба точикӣ аз тарҷумаҳои ӯст. А. аз адабиёти давраи советӣ осори М. Горький, К. Симонов, Е. Долматовский, А. Твардовский, П. Бровка, С. Олейник, С. Стальский, Ҷамбул, Г. Леонидзе, Ғафур Ғулом, Собир Абдулло, Аширмат ва ғ.-ро тарҷума кардааст.

Аз 1936 узви ИН СССР. Бо ордени «Нишони фахрӣ» ва чанд медаль мукофотонида шудааст.

Ас.: Куллиёт, ч. 1, Д., 1976.

Ад.: Очерки таърихи адабиёти советии точик, ч. 1, Сталинобод, 1956; Очерк таджикской советской литературы, М., 1961. *Ю. Салимов.*

АМИНОВА Озод Муҳиддиновна (тав. 1938), шоираи советии точик. Ниг. *Озод.*

АМИНОКИСЛОТАҲО, синфи пайвастҳои органикӣ, ки хосияти кислотаю амин зоҳир мекунанд. А. дар бофтаҳои ҳайвоноту наботот, сафеда ва диг. пайвастҳо мавҷуд буда, дар ҳолати озод низ вомехӯранд. Зиёда аз 20 хели А.-и табиӣ ва сунъӣ маълум аст. А. алифатӣ ва циклӣ мешаванд.

Ҳамаи А.-и табиӣ, ғайр аз глицин, атомҳои асимметрии карбон доранд ва аз ин рӯ дар намуди фаъоли оптикӣ мавҷуданд. А.-е, ки ба таркиби сафеда дохил мешаванд, L — изомеранд. D — изомерҳо дар баъзе бактерия ва антибиотикҳо вомехӯранд. А. моддаҳои беранги кристаллӣ, t гуд. 205—315° С. Аксари А.-и D — изомер ширину А.-и L — изомер талх ё бетаъманд. А. электролитҳои амфотер буда, дар маҳлулҳои обӣ ба шакли ионҳои диполярии $+NH_3RCOO^-$ воқеъ мегарданд. А. мисли кислотаҳои карбонӣ бо асос намак, амид, эфир, галогенгидрид ва бо иони металлҳои вазнин намакҳои комплексӣ ҳосил мекунанд. А. чун аминҳо бо кислота намак ҳосил мекунанд ва ба реакцияҳои алкилонӣ, ацилонӣ ва гуанидинонӣ қобиланд.

А.-ро дар шакли намакҳои душворҳалшаванда аз гидролизати сафедаҳо ҷудо кардан мумкин аст (мас., аз казеин — кислотаи глутамин, аз желатина — аргинин, аз сафедаи хун — гистидин ва ғ.). А.-ро ба тарзи сунъӣ ҳам ҳосил мекунанд, барои ин бо аммиак ба кислотаҳои карбонии галогендошта таъсир мерасонанд. Барои ҷудо кардани А. усулҳои дар ионит адсорбция кардан ва электрофорез истифода мешаванд. А. дар мубодилаи нитроген аҳамияти калон доранд ва барои синтези сафеда, гормон, фермент ва диг. пайвастҳои фаъоли биологӣ ашъёи асосӣ мебошанд. А. таъвизӣ (бадалшаванда) ва ғайритаъвизӣ мешаванд. А.-и ғайритаъвизӣ валин, изолейцин, лейцин, лизин, метионин, треонин, триптофан, фенилаланин буда, дар организми одаму ҳайвон синтез намешаванд ва фақат бо хӯрок дохил мегарданд. Набудан ё нарасидани ягон А.-и ғайритаъвизӣ аз худ шудани диг. А.-ро таҳриф менамояд ва боиси вайрон шудани онҳо, қатъи синтези сафеда ва диг. моддаҳои муҳимми биологӣ мегардад. А.-и таъвизӣ аз маҳсулоти муқаррарии бенитрогени мубодилаи моддa ва аз нитрогени муҳозима синтез мешаванд. А. дар тиб, чорводорӣ, ветеринария, дар саноати микробиологӣ ва хӯрокворӣ истифода мешаванд. Олимони Ин-ти химияи АФ РСС Точ. усули ҷудо кардани А.-и аз ҷиҳати оптикӣ ғайрифаъолро, ки бо таъсири мутақобили А., цитизин ва толуолсульфокислота ба вуқӯъ меоянд, муқаррар намудаанд.

Ҷадвали таснифи ва баъзе хусусиятҳои А.-ро ниг. дар саҳ. 160.

Ад.: Гринштейн Дж., Виниц М., Химия аминокислот и пептидов, М., 1965; Порошин К. Т., Шибнев В. А., Синтез полиаминокислот и регулярных полипептидов, Д., 1968.

В. К. Бурименко, Т. Ю. Юсуфов.

АМИНОНА, як навъи андози ғайришаръӣ, ки дар аморати Бухоро, вил.-ҳои Самарқанду Фарғона то Рев. Октябрь дар бозорҳо аз фурӯши чорво ва молҳои гуногун барои хазинаи давлат меситонданд ва ба эҳтиёҷоти ҷанг сарф мешуд. Мас., аз фурӯши ду ботман пахта — 11,5 танга, як ботман мӯина — 5—7 танга, як уштур—2 танга мегирифтанд. А.-ро амир Музаффархон ҷорӣ карда буд. Ҳаҷми А. 1—1,5 фоизи нархи мол буд. А. пас аз ғалабаи Рев. Октябрь барҳам хӯрд.

Ад.: Маджлисов А., Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX — начале XX века, Д.— Алма-Ата, 1967. *А. Ягонӣ.*

АМИНОНӢ, усули ба пайвастҳои органикӣ дохил кардани аминогурӯҳ NH_2. Мас., дар ҳарорати 200° С пиридин бо амиди натрий α-аминопиридин ($C_5H_5N + NaNH_2 \longrightarrow C_5H_4N(NH_2) + NaH$) ҳосил мекунад. Ҳангоми буғи бензолро бо аммиак аз найчаи тафсон гузарондан анилин ($C_6H_6 + NH_3 \longrightarrow C_6H_5NH_2 + H_2$) ҳосил мешавад.

АМИНОПЛАСТҲО, пластмассаҳое, ки дар асоси зифтҳои синтезӣ ҳосил

ТАСНИФ ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ А. БО ТАРТИБИ МУРАККАБШАВИИ ФОРМУЛАИ ХИМИЯВӢ ВА ИЛОВАИ ГУРӮҲҲОИ НАВИ ФУНКЦИОНАЛӢ

Ном	Формула	Массаи мол.	Ҳарорати гудозиш, °С
	Аминокислотаҳои алифатӣ		
	Кислотаҳои моноаминокарбонӣ		
Глицин	NH_2CH_2COOH	75.07	232—236
Аланин	$CH_3CH(NH_2)COOH$	89,09	295—297
Валин	$(CH_3)_2CHCH(NH_2)COOH$	117,16	293—315
Изолейцин	$CH_3CH_2CH(CH_3)CH(NH_2)COOH$	131,17	274—286
Лейцин	$(CH_3)_2CHCH_2CH(NH_2)COOH$	131,18	293—295
Серин	$CH_2(OH)CH(NH_2)COOH$	105,1	228—246
Треонин	$CH_3CH(OH)CH(NH_2)COOH$	119,12	253
Цистеин	$CH_2(SH)CH(NH_2)COOH$	121,16	258
Цистин	$S_2[CH_2CH(NH_2)COOH]_2$	240,24	225—261
Метионин	$CH_2(SCH_3)CH_2CH(NH_2)COOH$	149,2	281—283
	Кислотаҳои диаминокарбонӣ		
Аргинин	$NH_2C(=NH)NH(CH_2)_3CH(NH_2)COOH$	174,14	217—238
Лизин	$NH_2CH_2(CH_2)_3CH(NH_2)COOH$	146,19	224—225
	Кислотаҳои моноаминодикарбонӣ		
Кислотаи аспарагин	$HOOCCH_2CH(NH_2)COOH$	133,1	270—280
Кислотаи глутамин	$HOOC(CH_2)_2CH(NH_2)COOH$	147,13	247—249
	Аминокислотаҳои циклӣ		
	Кислотаҳои гомоциклӣ		
Фенилаланин	$C_6H_5CH_2CH(NH_2)COOH$	165,19	271—284
Тирозин	$n\ HOC_6H_4CH_2CH(NH_2)COOH$	181,2	290—314
	Кислотаҳои гетероциклӣ		
Триптофан	 $CH_2CH(NH_2)COOH$	204,22	281—295
Гистидин	$C—CH_2CH(NH_2)COOH$	155,16	283—288
	Иминокислотаҳо		
Пролин		115,1	205—222
Оксипролин		131,14	274

карда шуда, хосияти термореактивӣ доранд. А. дар натиҷаи поликонденсацияи формальдегиду аминопайвастҳо ҳосил мешаванд. Ҳангоми истеҳсоли А. ҳамчун пуркунандаҳо аз аррамайда, целлюлоза, асбест, нахи пахта ва ғ. истифода мебаранд. Ба А. рангҳои гуногун додан мумкин аст. Маснуоти аминопластӣ сабук ва бебӯй буда, ба таъсири равшанӣ, кислотаю ишқори суст, спирт, бензин, ацетон, хлороформ ва диг. ҳалкунандаҳои органикӣ тобовар аст. А.-ро дар намуди тахтаву варақа истеҳсол мекунанд. А. барои сохтани қуттиҳои таҷҳизот, асбобҳои рӯзгор, галантерию канцелярӣ, ороиш ва ғ. истифода мешаванд.

АМИНОФЕНОЛҲО, $NH_2C_6H_4OH$, пайвастҳои кристаллии органикӣ. А. амфотер буда, ҳам бо кислота ва ҳам бо ишқорҳо намак ҳосил мекунанд. Молекулаашон се изомер дорад. А. бо усули барқарор кардани нитрозофенол ё нитрофенолҳо ҳосил мешаванд. Мета- ва пара-изомери А.-ро дар суратгирӣ чун падиддору ва дар саноати химия барои истеҳсоли ранг истифода мебаранд.

АМИНҲО, пайвастҳое, ки дар натиҷаи бо радикали органикӣ ивазшудани атоми гидрогени молекулаи аммиак ҳосил мешаванд. А. алифатӣ (метиламин, этиламин, пропиламин ва ғ.), ароматӣ (анилин, дифениламин, нафтиламин ва ғ.), якумин, дуюмин, сеюмин (вобаста ба миқдори атомҳои гидрогени дар молекулаи аммиак ивазшуда) ва вобаста ба миқдори аминогурӯҳи молекулаи А.: моно- ди- ва триаминҳо мешаванд. А. мисли аммиак ба хосияти асос моликанд. А.-и алифатиро асосан аз алкилонии аммиак ва А.-и ароматиро аз барқарор кардани нитропайвастҳои ароматӣ ҳосил мекунанд. А.-и якумини ароматӣ бо кислотаи нитрит диазопайваст, А.-и якумини алифатӣ спирт, А.-и дуюмин нитрозоамин ҳосил мекунанд. А. дар табиат дар намуди алкалоид, аминокислота, *аминҳои биоген* ва ғ. васеъ паҳн шуда, дар процессҳои биологӣ роли муҳим мебозанд. А. дар саноат барои истеҳсоли ранг, пластмасса, дору ва ғ. истифода мешаванд.

АМИНҲОИ БИОГЕ́Н, аминҳои протеиноген, гурӯҳи пайвастҳои органикии нитрогендор, ки дар организми одаму ҳайвон, растанӣ ва бактерияҳо бо роҳи декарбоксиллонии аминокислотаҳо ҳосил мешаванд. Аксари А. б. (гистамин, серотонин, норадреналин, адреналин, тирамин ва ғ.) моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол мебошанд ва ба процесси физиологии организм бо роҳи васеъ ва танг кардани рагҳои хун ва ғ. таъсир мерасонанд. Аксари А. б., ки дар рӯдаи ғафси одам ва ҳайвонот бо таъсири бактерияҳои уфунат пайдо мешаванд, барои организм заҳрноканд.

АМИ́Р (ар. أمير — амрдиҳанда), 1) унвони сардори қавм ё қабила, сарфи назар аз ин, ки асилзода аст ё не, инчунин асилзода, қатъи назар аз ин, ки роҳбарии қавмеро дар ӯҳда дорад ё не. 2) Унвони ҳокими вилоят дар хилофати араб, ки аз тарафи халифа дода мешуд. Дар мамлакатҳои тобеи хилофат пешвои рӯҳониро имом ва пешвои сиёсиро амир меномиданд. Халифаҳои арабро амирулмӯъминин—ҳокими ҳамаи мусулмонон мегуфтанд. А. сардори давлат буд. Намояндагони сулолаҳои Сомониён, Темуриён ва Манғитиён аз сабаби он, ки авлоди подшоҳ набуданд, худро А. меҳонданд. Ҳокимияти амир як қисми ҷудоинопазири давлати исломӣ ба шумор мерафт. Дар давраи фарзандони Амир Темур ва сулолаҳои диг. ин унвон аз тарафи подшоҳ ё хон ба вазирон ё ҳокимони маҳаллӣ низ дода мешуд. Ҳоло дар баъзе мамлакатҳои Осиё ва Африка А.-унвони ҳоким, ки ҳамтои князь аст, инчунин дар мамлакатҳои подшоҳии араб унвони шоҳзодагон мебошад. 3) Дар замони гузашта унвон ё рутбаи олӣ дар ин ё он соҳа: амирулумаро (рутбаи олии ҳарбӣ дар Осиёи Миёна ва диг. кишварҳои Шарқи исломӣ); амирулбаҳр (фармондеҳи қувваҳои баҳрӣ), амирулҷайш (сипаҳсолор), амирушшуаро (сарвари шоирони дарбор ё давр); амирулҳуҷҷоб (сардори дарбонҳо). *М. Умаров.*

АМИ́Р ДАВЛАТЬЕ́Р أمير دولتيار, (с. тав. ва ваф. номаълум), мусаввири а. 14 форс-тоҷик. Шотирди Аҳ-

Ба мак. Ангур. 1. Бахтиёрӣ. 2. Кишмиши сафед. 3. Нимранг (Ангури калон). 4. Тоифии сурх.

Ба мак. Ангур 1. Кишмиши сиёҳ. 2. Хусайнӣ. 3. Расмӣ. 4. Чавзи сафед (султонӣ).

мади Мӯсо. Баъди дар санъати мусаввирӣ ном баровардан ба дарбори Султон Абӯсаид ба кор даъват шудааст. Дар ин ҷо бо устод Аҳмади Мӯсо шиносоӣ пайдо карда, нозукиҳои ҳунари мусаввириро аз ӯ омӯхт. А. Д. дар кашидани тасвирҳои сиёҳқаламӣ (графика) истеъдоди фавқулодда дошт. *М. Солеҳов.*

АМИР РУҲУЛЛОҲ امیر روح‌الله маъруф ба Мираки Наққош (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 1507), хаттот ва рассоми форс-тоҷик. Дар Ҳирот ба камол расида, дар ҳамон ҷо касби ҳунар кардааст. Дар овони ҷавонӣ бо камонсозӣ машғул шуда, чанд муддат катибанависӣ ҳам кардааст. Баъд А. Р. ба хизмати наққоши номӣ Мавлоно Валиуллоҳ расид ва аз ӯ хаттотӣ ва зарафшониро омӯхт. Пас ба санъати тасвирӣ рағбат пайдо кард ва дере нагузашта дар ин соҳа нодири замон гашт. А. Р. устоди Камолуддин Беҳзод аст.

АМИР ШАЙХӢ امیر شیخی (с. тав. ва ваф. номаълум), мусиқишинос, навозанда, оҳангсози а. 15 форс-тоҷик. Дар Сабзвор тав. шуда, ҳамон ҷо ваф. кардааст. Дар риёзиёт ва шеър ҳам маҳорат дошта, дар навохтани уд, танбӯр, рубобу чанг устод буд, бисьёр асарҳои мусиқӣ эҷод намудааст. А. Ш. яке аз аввалин санъаткоронест, ки бар вазни зарби «Миатайн» асарҳои мусиқӣ эҷод кардаанд. Шайхӣ тахаллуси ӯ дар шеър аст.

«АМИР ҲАМЗА» امیر حمزه як қиссаи паҳлавонӣ дар насри омиёнаи форс-тоҷик. Қаҳрамони асосии он писари Абӯтолиби араб Ҳамза мебошад. Сарманшаи асар муошиқати Ҳамза ва духтари шоҳи Эрон Нӯширвон (531—579) — Меҳрнигор аст. Аммо мундариҷаи онро ҷангҳои Ҳамза ва ёронаш бо қайсари Рум, девони Сарандеб ва Азизи Миср фароҳам овардаанд. Дар «А. Ҳ.» ҳаёти маишӣ, ҷангҳои мазҳабӣ бо ҳодисаҳои ҳайратовари асотирӣ омехта тасвир ёфтаанд. Як риштаи мазмуни қиссаро ҷангҳои аҳли ислому кофирҳо ташкил додаанд. «А. Ҳ.» дар а-ҳои 10—11 ба шакли китоби мукаммал даромада буд. Муаллифи қисса маълум нест. Ҳоло чор таҳрири «А. Ҳ.» маълум мебошад. Ин қисса дар а-ҳои 12—19 ба гурҷӣ, туркӣ, арабӣ, ӯзбекӣ, малаӣ, урду ва забонҳои диг. тарҷума шуда, дар инкишофи қиссаҳои моҷароии ин халқҳо таъсир расонидааст. *Ю. Салимов.*

АМИР ҲАМЗАҲ (Amir Hamzah; 1911, Бинҷой — 19. 3. 1946, Куала-Бинҷан), шоири индонезӣ. Аз авлоди роҳаҳои Лангката (мулке дар шимоли Суматра). Мактаби миёнаро дар ш. Солд ва мактаби олии ҳуқуқшиносиро дар Ҷакарта ба итмом расонда, дар Ун-ти Лайден таҳсил кардааст. С. 1933 дар ташкили журнали «Нависандаи нав» («Pudjangga Baru») ширкат дошт. А. Ҳ. муаллифи «Сурудҳои ором» (1937), «Самараи андӯҳ» (1941) буда, дар ашъораш анъанаҳои назми классикии адабиёти Малайро инкишоф додааст. Эҷодиёти А. Ҳ. ба васфи муборизаи миллӣ ва пешрафти мамлакат бахшида шудааст. А. Ҳ. як миқдор осори адибони шарқ, аз ҷумла рубоиёти Умари Хайёмро ба индонезӣ тарҷума кардааст. Тарҷумаҳои А. Ҳ. дар маҷмӯаи «Нақҳати Шарқ» (1939) фароҳам омадаанд.

АМИРАЛӢ ПӮРИ ТЕГӢН امیرعلی پور تیگین (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 11-и форс-тоҷик. *Рашиди Ватвот* ва *Шамси Қайси Розӣ* дар асарҳои ба назария ва санъати шеър бахшидаи худ аз осори ин шоир порчаҳои шеърӣ мисол овардаанд. А. П. Т. аз амирони турк аввалин шахсе ба шумор меравад, ки ба эҷоди шеърҳои тоҷикӣ (бештар ғазал) иқдом кардааст. *С. Саъдиев.*

АМИРИБРОҲИМИ ҚОНУНӢ امیر ابراهیم قانونی (с. тав. ва ваф номаълум), машшоқ, сароянда ва оҳангсози а. 15 форс-тоҷик. Дар Ҳисор тав. ёфта, дар Ҳиндустон ваф. кардааст. Санъати мусиқиро аз Шиҳобуддин Абдуллоҳи Баёнӣ (а. 15) омӯхта, дар асоси мақомҳои «Наво», «Ироқ» ва «Исфаҳон» барои асбоби мусиқии қонун асарҳои зиёде тасниф кардааст. Дар санъати хаттотӣ низ моҳир будааст.

АМИРМАСТӢИ ҲИРАВӢ امیرمستی هروی (с. тав. ва ваф. номаълум), сароянда, оҳангсоз ва навозандаи а. 15 форс-тоҷик. Дар Ҳирот ба дунъё омада, дар Бухоро ваф. кардааст. А. Ҳ. санъати мусиқиро дар Ҳирот ёд гирифтааст. Овози хеле форам дошта, чанде дар ҳузури Абдурраҳмони Ҷомӣ дарси мусиқӣ гирифта, асари машҳури «Нақши имомӣ»-ро аз худи ӯ омӯхтааст. А. Ҳ. дар навохтани уд, танбӯр, рубоб ва махсусан, қобус маҳорати баланд дошта, бо номи Амирмастии Қобусӣ ҳам маъруф гардидааст. А. Ҳ. ба Бухоро омада, ба чандин санъаткорон ҳунари созу овозро ёд дод ва Шайх Аҳмад, Маҳмуди Насафӣ, Турдӣ, Қосими Баззоз, Дорбозии Обӣ, Муҳаммади Поянда ва диг. аз шогирдони машҳури А. Ҳ. мебошанд. А. Ҳ. мусаннифи чандин асари мусиқӣ дар мақомҳои «Ироқ», «Дугоҳ», «Исфаҳон», «Бузург», «Рост» ва ғ. аст. *А. Раҷабов, Т. Шаҳобов.*

АМИРОВ Ҳоҷӣ (тав. 1933, қиш. Мадрушкати Мастчоҳ), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1965), Механизатори Хизматнишондодаи х. қ.-и РСС Тоҷ. (1963). Аъзои КПСС аз с. 1962. Солҳои 1953—58 челонгар, 1958—63 трактورчӣ ва аз с. 1963 сардори бригадаи комплексии механиконидаи пахтакории к-зи ба номи Куйбышеви р-ни Мастчоҳ. Омӯзишгоҳи касбию техникӣ ва техникуми х. қ.-и ба номи Ленинро ғоибона хатм кардааст. А. депутати Совети Олии СССР (даъвати 6), аъзои КМ ЛКСМ Тоҷ. (1963—65), аъзои КМ ПК Тоҷ. (1964—66). Бо ордени Ленин ва медальҳо (аз ҷумла бо як медали тилло ва 2 медали нукраи НКХХ СССР) мукофотонида шудааст.

АМИРШОЕВ Сафар (1912, деҳаи Заргар, ҳозира р-ни Совети вил. Кӯлоб — 1944, деҳаи Жажмаряйи РСС Лит.), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944), сержанти калони гвардия. Аъзои КПСС аз с. 1944. Ихтиёрӣ ба фронт рафта, барои озодии сарзамини Россия, Украина ва Белоруссия ҷангид. А. командири тӯпи батареи панҷуми полки собиқи тирандозии 213 буд. Бо тӯпи худ дар яке аз муҳорибаҳо садҳо гитлерчиёнро қир карда, бисьёр аслиҳаи ҷангии онҳоро ғанимат гирифт, 15 июли 1944 ба тӯпи ӯ 17 танки душман ҳамла кард. А. танки якумро сӯзонд. Душман ба сӯи тӯпи А. оташ кушод. А. оғӯштаи хун, ҷангро давом дода, боз як танки душманро тарконд. Қаҳрамонии бемисли ӯ ҷанговаронро рӯҳбаланд карда, онҳо чор танкро нобуд карданд. Душман ақиб гашт. Паҳлавон дар шафати тӯпаш ҳалок шуд. Дар ш. Душанбе кӯча, дар р-ни Кӯлоб к-з ва кӯча ба номи ӯст. Инчунин дар ш. Кӯлоб ба хотираи ӯ ҳайкали ёдгорӣ гузошта шудааст. Бо ордени Ленин, ордени Ситораи Сурх ва медали «Барои мудофиаи Сталинград» мукофотонида шудааст. *Л. П. Сечкина.*

Ихтиёрӣ

АМИРӢ امیری Зиёуддин Юсуфи Бадахшонӣ (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 1490, Бадахшон), шоири форсӣ-тоҷик. Чанд гоҳе дар Ҳирот дар дарбори Шоҳрух ва Бойсунқар зистааст. Эҷодиёти ӯ аз қасида, ғазал ва маснавӣ иборат мебошад. А.-ро дар ғазалсарой пайравӣ *Камоли Хуҷандӣ* ҳисоб кардаанд. Маснавии «Даҳ нома», мунозираи «Бангу бода» ва нусхаҳои девони шоир то замони мо омада расидаанд. А. ба туркӣ ҳам шеър сурудааст. Вале ба ақидаи Навоӣ, шеърҳои туркии А. шӯҳрат надоштаанд. Дар осори А. ҳаёти ичтимоии ҷамъият кам инъикос ёфтааст. Вай ба тасвири ишқ ва масъалаҳои гуногуни фалсафӣ бештар аҳамият додааст.

Ад.: Навоӣ, Маҷолис-ун-нафоис, Тошкент, 1961. *А. Афсаҳзод.*

АМИРӢ امیری Мирзосодиқхони Фароҳонии Қоиммақомӣ маъруф ба Адибулмамолик (1860, Теҳрон — 1917, ҳамон ҷо), шоир ва журналис-

ти эронӣ. А. набераи маорифпарвари машҳури Эрон *Қоиммақоми Фароҳонӣ* буда, дар овони ҷавонӣ ба омӯзиши тамаддун ва ад. ҷаҳонӣ машғул шудааст. Забонҳои арабӣ, русӣ, туркӣ, англисӣ, франсавӣ ва паҳлавиро азхуд намуда, бисьёр шаҳрҳои Эрон, Кавказ (1889) ва Осиёи Миёнаро (1889—90) гаштааст. Газетаҳои «Адаб» (1890—92), «Ироқи аҷам» (1906) ва «Офтоб» (1913)-ро нашр мекард. Дар давраи ҳаракати машрутаҳоҳии с-ҳои 1905—11 котиби газетаи «Маҷлис» буд ва дар шумораи аввали он қасидаи «Шод бош, эй Маҷлиси миллӣ...»-ро чоп кард, ки ба табрики ташкильёбии Маҷлиси миллӣ (парламент)-и Эрон бахшида шуда буд. Аз с. 1910 то охири умр дар идораҳои суд ва адлияи Симнон, Язд ва шаҳрҳои дигари Эрон кор кардааст. Девонаш (1933, 1966) аз қасида, мусаммат, таркиббанд, тарҷеъбанд ва маснавӣ иборат буда, танқиди нобаробариҳои иҷтимоӣ, системаи давлатдории феодалӣ, риёкориҳои кормандони суду адлия, ташвиқи илмомӯзӣ мавзӯи асосии ашъори А. мебошад. А. яке аз саромадони равияи демократии назми муосири Эрон ба ҳисоб рафта, дар шеър пайрави *сабки ироқӣ* буд.

Ад.: Брагинский И., Комиссаров Д. Персидская литература, М., 1963.
یحیی آرینپور، از صبا تا نیما، جلد ۲، تهران، ۱۳۵۱ ه. ش.

А. Абдуманнонов.

АМИРӢ امیری Умарҳон (1787—1822), хони Қӯқанд, шоир, бо тахаллуси «Амир» ва «Амирӣ» ба ӯзбекӣ ва тоҷикӣ шеър менавишт. А. баъди ба тахт нишастан (1809) дар дарбор доираи адабӣ ташкил дода, худаш ба он роҳбарӣ мекард.

Ашъори А. агарчи равон аст, вале асосан аз нолаю шиквои ошиқ ва дарди ҳиҷрон иборат буда, мундариҷаи ҳаётӣ ва моҳияти иҷтимоӣ надорад. Доираи адабии ӯ зоҳиран пуршукӯҳ ва диққатангез намояд ҳам, моҳиятан завқу кайфияти аҳли дарбор ва марому маслаки иртиҷоии аҳли динро ифода мекард. Дар адабиёти диниии феодалии дарбор таклиду назирагӯйи хеле ривоҷ ёфта буд, ки ин ба фаъолияти адабӣ ва табъи А. алоқаманд аст. Ин вазъият дар адабиёти дарбор бӯҳрони эҷодӣ ба вуҷуд оварда, боиси эътирози шоирони пешкадам (мас. *Гулхаӣ*) гардид. Девони ашъори А. ду маротиба (Истамбул, 1882, Тошкент, 1908) ба табъ расидааст.

Ад.: Каюмов А., Қӯқон адабий муҳити, Тошкент, 1961.

С. Амиркулов.

АМИРӢ, навъи харбузаи миёнсолӣ. Асосан дар вил-ҳои Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Ленинобод ва водии Вахш мекоранд. Баъди 80—90 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш дарозрӯя, вазнаш то 5 кг, пӯсташ бетӯри сабз, магзаш сабзи сершира, хуштаъм, то

Амирӣ

12% қанд дорад. Аз ҳар га то 300 ц ҳосил медиҳад. Бештар ба касалии пажмурдагӣ ва ҷел гирифтор мешавад. Дер намепояд. Ниг. низ *Харбуза.*

АМИТО́З (аз *а*... ва юн. mitos — тор), усули бевосита тақсимшавии ҳуҷайраи ҳайвон ё растанӣ. Истилоҳи А.-ро с. 1882 олими немис В. Флеминг пешниҳод кардааст. Ҳангоми А. ядрои ҳуҷайра дароз шуда, ба ду ё якчанд ҳисса ҷудо мешавад, аммо дар онҳо хромосомаҳо шакл намегиранд. Бо усули А. афзудани ҳуҷайраҳо асосан дар организмҳои дараҷаи паст вомехӯрад. То вақтҳои охир баъзе биологҳо (мас., Э. Вильсон) ақидае доштанд, ки ҳуҷайраҳои бо А. тақсимшуда минбаъд қобилияти бо усули *митоз* тақсим шуданро гум хоҳанд кард. Фактҳои мавҷуда ин фикрро пурра тасдиқ намекунанд. Акси А. митоз аст.

АМЛО́К (ар. املاك — ҷамъи ملك — мулк), дар аморати Бухоро молу мулки ғайриманқулаи меросӣ ё харида (замин, об, корвонсарой, ҳаммом ва ғ.), ки ба давлат, вақф ва шахсони алоҳида тааллуқ дошт. А.-ро иҷора додан ва ба тариқи музди меҳнат тақдим кардан мумкин буд. А. барои истифода ба шахсони алоҳида иҷора дода мешуд. Иҷорагир ба соҳиби А. андоз медод ва дар навбати ҳуд барои кишту кор ва бо мақсади истифодаи А. чорьяккорон, батракҳо ва мардикоронро киро мекард. Ба ҳамин тариқ А. ҳуд ба ҳуд яке аз воситаҳои истисмори феодалӣ шуда мемонд. Дар ҳуҷҷатҳои расмии маъмурию молиявии а. 19 ва аввали а. 20 заминҳои давлатиро А. меномиданд.

А. Ягонӣ.

АМЛОКДО́Р, амалдор дар аморати Бухоро, ки ғайри заминҳои вақф аз тамоми заминҳои диг. андоз меғундошт. А. дар ихтиёри ҳуд мирзо, мироб, амин, оқсаққолон дошт. А.-ро бек таъин мекард.

АММИА́К, NH_3, соддатарин пайвасти нитроген бо гидроген; гази беранг, заҳрнок, бӯи махсус дорад, пардаҳои луобиро меангезад; t ҷӯш — 33,35° С, t гуд. — 77,70° С, дар об нағз ҳал мешавад. Маҳлули 10-фоизаи он спирти навшодир номида мешавад. Молекулаи А. ионе гидрогенро пайваст намуда, ионе NH_4^+-и ба таркиби намакҳои аммоний дохилшаванда ҳосил мекунад. А.-и газ бо намак пайваст шуда аммиакат, бо металлҳои ишқорӣ ва ишқорзамин пайваст шуда, нитрид (Na_3N) ё ки амид ($NaNH_2$) ҳосил мекунад. А. бо сульфур, галоген ва ғ. ҳам ба реакция дохил мешавад. А.-ро дар лаборатория аз намакҳои аммоний бо таъсири ишқори концентронида, дар саноат ҳангоми ангиштро бо усули хушк тақтир кардан чун маҳсулоти иловагӣ ва бо усули синтез аз гидроген ва нитроген (мас., дар комб. нуриҳои нитрогении Вахши РСС Тоҷ.) ҳосил мекунанд. Он дар истеҳсоли кислотаи нитрат, нурии нитрогендор, сода, карбамид, лок, ранг ва ғ. истифода мешавад. А. дар организм яке аз маҳсулоти мубодилаи нитроген аст.

АММИАКАТҲО́, ҳосили пайвасти аммиак бо моддаҳои дигар. Мас., ҳангоми ба $CuCl_2$ таъсир кардани NH_3 аммиакати мис $[Cu(NH_3)_4]Cl_2$ ҳосил мешавад. Дар х. қ. баъзе А.-ро чун нурии моеъ истифода мебаранд. А.-и моеъ беранг ё зардчатоб буда, 35—45% нитроген доранд.

АММИА́КИ БЕО́Б, моеи беранг, ки бо роҳи фишурдани аммиаки газ ҳосил мегардад. Онро бештар барои истеҳсоли нуриҳои нитрогендор ва аммононии суперфосфат истифода мебаранд. Нитрогени А. б. назар ба нитрогени диг. нуриҳо 40—50% арзон буда, аз рӯи хок тез бухор мешавад. Ҳангоми бо ғизодиҳаки махсус зери хок кардан нитрогени он ба растанӣ ҳамчун селитраи аммиак нафъ мерасонад.

АММИАКО́Б, маҳлули 18—25-фоизаи *аммиак*. Бо роҳи дар об ҳал кардани аммиаки синтезӣ ё аммиаки газҳои саноати химияи кокс ҳосил мекунанд. А.-и аз саноати химияи кокс ҳосилшуда ба ғайр аз аммиак (18—20%), омехтаи гази карбон (70—100 г/л), сульфиди гидроген, як миқдор пайвастҳои цианидӣ ва ғ. дорад. А. чун нурии моеъ дар истеҳсоли сода, саноати синтези органикӣ, барои *аммононии хӯроки чорво* ва ғ. истифода мешавад.

АММОМА́, ниг. *Салла.*

АММО́Н عمان давлати начандон калон дар Шарқи Фаластин (а-ҳои 14—13 то м.). Пойтахташ — Раббат-Аммун. Халқҳои сомии аммонӣ ташкил кардаанд. Эҳтимол меравад, ки онҳо аз Арабистон омадаанд. А. барои заминҳои ҳосилхези Галаада бо аморриҳо (а-ҳои 14—13) ва яҳудиён муборизаи оштинопазир мебурд. Дар а. 10 А.-ро шоҳи Исроил Довуд (охири а. 11 — тақр. 950 то м.) забт кард. Охири а. 10 А. истиқлолият ба даст оварда, а-ҳои 8—7 дар тобеияти шоҳони ошурӣ буд. А. аз охири а. 6 то а. 4 ба форсҳо, аз а. 4 ба Птолемейҳо, дар а. 2 ба Селевкиён, аз с. 63 то м. ба Рим (дар ҳайати Рим ҳуқуқи мухторият дошт) тобеъ буд.

Аммон. Намуди шаҳр.

АММО́Н عمان пойтахти Урдун. Дар қисми шим. ғарбии мамлакат, дар водии Зарқоъ воқеъ аст. Узели роҳҳои автомобильгард (ба сӯи Республикаи Сурияи Араб, Арабистони Саудӣ ва Қуддус); Ст. р. о.; аэропорти байналхалқӣ. Аҳол. қариб 900 ҳаз. (1976). Маркази асосии иқтисодӣ, савдо ва маданият. Дар шаҳр саноати цемент, нефть, тамоку, хӯрокворӣ (аз ҷумла консерви меваю сазбавот, з-ди шир, ф-каи қаннодӣ), бофандагӣ ва ғ. тараққӣ кардааст. Дар А. ун-т, 2 музей (археологӣ, исломия) ҳаст. Дар шаҳр осори вайронаҳои меъмории даврои римиҳо — театр, ибодатхонаи Геркулес ва ғ.; қалъаи замони арабҳо, қасрҳои Басман ва Рағдан (а. 19), масҷиди Ҳусайн (1924) ва биноҳои 3—4 ошёнаи кунунӣ мавҷуданд. Туризм ривоҷ ёфтааст. Шаҳрро дар қадим Раббат Аммун ва дар даврои эллинии римиҳо — Филадельфия меномиданд. А.-ҳои 7—9 дар ҳайати хилофати араб ва а. 10 ба давлатҳои мухталифи Миср Сурия тааллуқ дошт; аз с. 1516 то охири ҷанги якуми ҷаҳон дар ҳайати Туркияи усмонӣ буд. Аз с. 1946 пойтахти давлати Шоҳии Ҳошимии Урдун.

АММО́НИЙ, NH_4^+, иони ноорганикӣ, ки дар пайвастҳо роли катиони металлҳои яквалентаро бозида, дар маҳлул чун иони яквалентаи мусбатзаряд зоҳир мешавад. А. бо боқимондаи кислотаҳо намак (мас., NH_4Cl, NH_4NO_3) ҳосил мекунад. Дар маҳлули обӣ намакҳои А. диссоциация шуда, катиони А. ($NH_4Cl \rightleftharpoons NH_4^+ + Cl^-$) ҳосил мекунанд. Бештари намакҳои А. кристаллӣ беранг буда, дар об нағз ҳал мешаванд ва ҳангоми гарм кардан ба осонӣ ба аммиаку кислота ҷудо мешаванд. Ҳангоми ба намакҳои А. таъсир кардани ишқори концентронида аммиак хорич мешавад. Намакҳои муҳимтарини А. нитрат ва карбонати А.-анд. Онҳо чун нурии минералии нитрогендор истифода мешаванд.

АММОНИТРОФО́С, нурии мураккаби нитрогену фосфордор, ки ҳангоми вайрон кардани фосфатҳои табиӣ бо кислотаи нитрат ва нейтралонии он бо аммиак ҳосил мешавад. А.-е, ки аз концентрати апатит ҳосил мешавад, 17% P_2O_5, 17% N ва А.-е, ки аз фосфорити кони Вятка ҳосил мегардад, 14% P_2O_5 ва 14% N дорад. А.-ро ниҳоли пахта, лаблабу, тамоку, сабзавот ва зироати хӯроки чорво нағз аз худ мекунад.

АММОНИТҲО́ (Ammonoidea), гурӯҳи нармбаданҳои даррандаи мурдарафта, ки дар даврахои девон ва табошир дар саросари кураи замин паҳн шуда буданд. Садафи онҳо мусаттаҳи спиральшакл ва каҷакнамуд буда, ҷутраш аз 1 см то 2,5 м мерасид. Намудҳои асосии А. (ниг. расм): Phylloceras (1), Macroscaphites (2), Turrilites (3). А. дар баҳрҳо ҳаёт мегузаронидand. Қариб 1500 ҷинси онҳо маълум аст. Омӯхтани А. барои донистани пайдоиш ва синни қабатҳои геологӣ, барои муайян кардани қонуниятҳои инкишофи организм аҳамияти калон дорад.

АММОНИТҲО́, омехтаҳои таркандае, ки аз селитраи аммоний ва нитропайвастҳои органикӣ (мас., 88% NH_4NO_3 ва 12% $CH_3C_6H_2(NO_2)_3$) ҳосил мешаванд. Дар А. моддаҳои органикӣ (орди чӯб, торф, кунҷора, равғанҳои нефть) ё ноорганикӣ (алюминийи хока, ферросилиций) чун моддаҳои сӯзанда ва нитроглицерин, нитроэфир, тротил, гексоген чун моддаҳои тарканда ба кор бурда мешаванд. Омехтаи селитраро бо сӯзишворихо динамон, бо тротил амматол, бо алюминийи хока ва тротил аммонал меноманд. Омехтаи А., ки ба миқдори зиёд нитроэфири моеъ доранд, ба *динамит* мансубанд. А. дар корҳои ҳарбӣ ва диг. соҳаҳои хоҷагии халқ васеъ истифода мешаванд.

АММОНИФИКА́ЦИЯ (аз *аммоний* ва лот. facio — мекунам), вайроншавии моддаҳои органикии нитрогендор, ки аммиак ҷудо мекунад. А. барои мубодилаи нитроген дар табиат аҳамияти калон дорад. Ҳангоми А. нитрогени ҳалнашавандаи таркиби хок (гумус, поруи маҳаллӣ, боқимондаи растанӣ ва ғ.) ба ғизои ҳалшавандаи растанӣ табдил меёбад. А.-ро микроорганизмҳои аэробӣ ва анаэробӣ ба вуҷуд меоранд. Агар А. дар муҳити беҳаво рӯй диҳад, моддаҳои заҳрнок ҳосил мешаванд, ки барои инкишофи мӯътадили растанӣ зарар доранд. А. аз нитрификация фарқ мекунад, акси денитрификация мебошад.

АММОНОНИИ ХӮРО́КИ ЧОРВО́, барои зиёд кардани нитрогени хӯроки чорво ба он омехтани *аммиакоб*. Аммиак бо кислотаҳои органикии таркиби хӯрок пайваст шуда, намакҳои аммоний ҳосил мекунад. Барои А. х. ч. ба як тонна силоси ҷуворимакка 12—15 л, ба як тонна пахол 120 л ва ба як тонна коҳ 70—80 л аммиакоби 25-фоиза меҳӯшанд. Хӯроки чорворо дар хандаҳои силос, чалакҳои калон ва дар худи ғарам аммононидан мумкин аст. Хӯроки аммононидаро баъди нест шудани бӯи аммиак ба чорво медиҳанд.

АММОРА́ عمارة Абӯмансур ибни Муҳаммади Марвазӣ (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 1004—14), шоири форс-тоҷик. Марсияе аз А. боқист, ки с. 1004 ба муносибати дар биёбони Марв бо дасти сардорони бодиянишини араб кушта шудани подшоҳи сомонӣ амир *Мунтасир* гуфтааст. Дар ҳаққи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ низ мадҳияе дорад, ки як порчаи он дар тазкираи *«Лубоб-ул-албоб»* нақл шудааст. Вале А. дар дарбори сомониён ва ғазнавиён хизмат накардааст. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо ӯ аз Марв берун набаромадааст. *Абӯсаиди Маҳнай* қабри ӯро дар Марв зиёрат кардааст. Дар «Асрор-ут-тавҳид» оид ба лутфи ашъор ва шӯҳрати А. маълумот, дар *«Луғати фурс»*-и Асадии Тӯсӣ ва китобҳои илми шеъру луғат байтҳои бисьёре аз эҷодиёти А. зикр ёфтааст. Намунаи ашъори А. дар «Осори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) мавҷуд аст. *С. Саъдиев.*

АММОРИЯ عمارية яке аз фирқаҳои *имомия*. Асосгузораш Аммор ибни Мусо ас-Субот (а. 8).

АММОФО́С, нурии дучандаи нитрогену фосфордор. Асосан аз омехтаи моноаммонийфосфат $NH_4H_2PO_4$ ва диаммонийфосфат $(NH_4)_2HPO_4$ иборат аст. 45—52% ангидриди фосфат ва 10—12% нитроген дорад. А. нурии хуби зироати техникӣ (махсусан пахта, лаблабуи қанд ва ғ.) буда, онро аз фосфоритҳои Қаротоғ дар з-дҳои суперфосфати Ҷамбул ва Олмалик истеҳсол мекунанд.

АМНЕЗИ́Я (аз *а*... ва юн. mnéme — хотир), ихтилоли хотир. Ниг. *Нисьён*.

АМНИЯ́Т (ар. امنية — осоиштагӣ, амонӣ, тинчӣ), дар муносибатҳои байналхалқӣ, вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва диг. муносибатҳои байни давлатҳо, ки таҳдиди таҷовузро бартараф намуда, ҳамзистии осоиштаи давлатҳоро дар асоси баробарҳуқуқӣ, истиқлолияти миллӣ, мустақилияти халқҳо ва инкишофи озодонаи демократии онҳо таъмин менамояд. Ба вуҷуд овардани чунин шароит яке аз вазифаҳои асосии ҳар давлат буда, дар ҳуқуқи байналхалқии ҳозира, аз ҷумла дар Устави ТДМ ифода ёфтааст. Дар баробари пайдоиши давлати социалистӣ прин-

ципҳои нави сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ, принципҳои озодии ҳақиқӣ, баробарӣ ва истиқлолияти ҳамаи халқҳою давлатҳо ба давраи нави инкишоф дохил гардиданд ва «инсоният дар муборизаи худ бар зидди ҷангҳои истилогарона, дар роҳи сулҳ ва амнияти халқҳо такьягоҳи боэътимод пайдо кард» (Программаи КПСС, Д., 1970, с. 12). Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар натиҷаи пурзӯр шудани таҷовузи империализм ва таҳдиди ҷанги ҷаҳонии термоядрӣ аз як тараф ва таназзули системаи мустамликадории империализм, аз тарафи дигар, муборизаи дар роҳи сулҳ ва А.-и халқҳо, махсусан актуалӣ ва таъхирнопазир гардид. Ин муборизаи ҳамаи халқҳои ҷаҳонро фаро гирифта, ба ташкили системаи томи давлатҳои нави мустақили Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ оварда расонд, ки онҳо ҳамроҳи мамлакатҳои социалистӣ озодӣ ва истиқлолияти миллии худ, кори сулҳу А.-и халқҳои ҷаҳонро муҳофизат мекунанд. Ҳуҷҷатҳои таърихии маҷлисҳои машвараткии байналхалқии партияҳои коммунистӣ ва коргарии с-ҳои 1957, 1960 ва 1969, Конгресси умумиҷаҳонии қувваҳои сулҳпарвар (Москва, 1973) ва Маҷлиси машвараткии оид ба амнияти ва ҳамкорӣ дар Европа (Хельсинки, 1975) нишон дод, ки муборизаи барои А.-и байналхалқӣ, яроқпартоӣ, истиқлолияти миллӣ, ҳамкорӣ ва сулҳ дар ҳақиқат хусусияти умумиҷаҳонӣ ва умумихалқӣ пайдо кардааст. Амалиёти фаъолона ва ташаббускоронаи Иттифоқи Советӣ ва диг. мамлакатҳои социалистӣ дар бобати татбиқи Программаи сулҳ, ки съезди 24 КПСС ба миён гузошт ва дар қарорҳои таърихии съезди 25 партия инкишоф дода шудааст, ба муваффақияти ин муборизаи кӯмаки калон мерасонанд. · *Ш. Ахмедов.*

АМОНАТ, воситаҳои пулии корхона, ташкилот, муассисаҳо ва аҳолӣ, ки дар кассаҳои амонатӣ ва банкҳо нигоҳ дошта мешаванд. Хусусияти иқтисодии А. ба характери сохти иқтисодии ҷамъият вобаста аст. Дар мамлакатҳои капиталистӣ А. яке аз манбаъҳои капитали қарзӣ аст. А.-ро бештар капиталистони соҳаҳои саноат, савдо ва молия ба калонтарин банкҳо мегузоранд. А. барои ба монополияҳо кредит додан, пурра кардани ҷои дефицити бюҷет, нигоҳ доштани аппарати давлатӣ ва барои харочоти ҳарбии мамлакатҳои капиталистӣ истифода мешавад. Дар СССР ва мамлакатҳои социалистӣ А. як шакли нигоҳ доштани пасандозҳои пулии меҳнаткашон дар кассаҳои амонатӣ ва Банки давлатист. Ҷалб намудани аҳолӣ ба амонатгузорӣ мубодилоти пулии мамлакатро мустаҳкам намуда, ба такрористеҳсоли васеи социалистӣ ёрӣ мерасонад. Дар натиҷаи баланд шудани даромади некӯаҳволии халқҳои СССР ҳаҷми умумии А. дар кассаҳои амонатӣ аз 725 млн сӯми с. 1940 дар с. 1976 ба 91 миллиард сӯм расид. Дар кассаҳои амонатии РСС Тоҷ. ҳаҷми умумии А. 511 млн сӯмро ташкил дод (1977). Гражданинҳои СССР амонатро метавонанд дар шакли пули нақд ё аз ҳисоби музди кор, нафақа ва ғ. гузоранд ва дар шакли фоизи амонат даромад гиранд.

АМОНДАРА, деҳа дар С. қ. Амондараи р-ни Панҷакенти вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Жданов. То С. қ. 4 км, то маркази район 27 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1097 наф. (1976), асосан тоҷикону ӯзбекҳо. Мактаби миёна, клуб, пункти тиббӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — тамокупарварӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз сои Амондара ва ба воситаи насосҳо аз д. Зарафшон обьёрӣ мешаванд.

АМОНИИ ХУРОСОНӢ امانیِ خراسانی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 11 форс-тоҷик. Аз осори вай фақат достони «Юсуфу Зулайхо» (1073) боқӣ мондааст. «Юсуфу Зулайхо»-и А., ки баъзе муҳаققиқон иштибоҳан ба Абулқосими Фирдавсӣ нисбат додаанд, бо номи ӯ борҳо ба табъ расидааст.

АМОНОВ Рачаб (тав. 1923, Ӯротеппа), фольклоршинос ва нависандаи советии тоҷик. Доктори илми филол. (1968), проф. (1970), аъзо-корр. АФ РСС Тоҷ. (1976), Аълочии Маорифи Халқ. Аз оилаи мӯзадӯз. Ин-ти педагогии Душанберо хатм кардааст (1947). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Аввал ходими илмӣ, баъд мудири шӯъбаи фольклори Ин-ти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон таъин шуд. Рисолаҳои илмии ӯ «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» (1963) ва «Лирикаи халқии тоҷик» (1968) мебошанд. Китоби дуюм дисс. доктории ӯст.

Дар ҷамъоварӣ ва нашри маҷмӯаҳои фольклории «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» (1956, 1963), «Фольклори сокинони саргаҳи Зарафшон» (1960), «Фольклори диёри Рӯдакӣ» (1958, 1963), «Афсонаҳои халқи тоҷик» (Душанбе, 1957, 1959, М., 1960) иштирок ва роҳбарӣ кардааст. Китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик» ба як қатор забонҳои мамлакатҳои Шарқу Ғарб тарҷума шудааст. Бо роҳбарии А. «Куллиёти фольклори тоҷик» (20 ҷилд) ба нашр тайёр шуд.

А. муаллифи чанд ҳикоя, повести «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд» (1961) ва очеркҳои илмию бадеии «Аз паи ҳикмати халқ» (1963), маҷмӯаи мақолаҳои «Эҷодиёти бадеӣ, халқ ва замон» (1970) ва асари ёддоштии «Аз тирамоҳ то тирамоҳ» (1974) мебошад, ки баъд бо унвони «Навбаҳори чашмасор» интишор ёфт. «Китоби хониш» (барои синфи 3) ва «Адабиёти Ватан» (барои синфи 6) низ аз таълифоти ӯст. Аз с. 1959 узви ИН СССР.

Ад.: Писатели Таджикистана, Д., 1976. *Б. Тилавов.*

АМОНОВ Рофеъ (1903, Бухоро — 5. 3. 1962, Душанбе), яке аз муборизони фаъоли барқарор кардани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон, полковник. Аъзои КПСС аз с. 1923. Ба фаъолияти меҳнатӣ хеле барвақт шурӯъ намуд, то с. 1920 дар устохонаҳои косибӣ кор кард. Аз с. 1922 дар торумор кардани дастаҳои босмачиён дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон фаъолона иштирок намуд. С. 1924 ба Тоҷикистон омада, аввал дар мактаб, баъд дар органҳои комсомолию партиявӣ кор кард. Аз с. 1934 дар сафи Армияи Сурх буда, с-ҳои 1938—40 дар Академияи ҳарбию сиёсӣ хонд. С-ҳои 1941—45 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, с-ҳои 1945—50 комиссари ҳарбии вил-ҳои Ғарм ва Сталинобод, с-ҳои 1950—56 мудири кафедраи ҳарбии Ун-ти давлатии Тоҷикистон буд. Бо ордени Байраки Сурхи Ҷангӣ, 2 ордени Ситораи Сурх, 6 медаль ва 2 Грамотаи Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АМОНУЛЛОҲХОН, امان الله خان (1. 6. 1892—25. 4. 1960), арбоби давлатӣ, подшоҳи Афғонистон (1919—29), писари амир *Ҳабибуллоҳхон*. Дар натиҷаи табаддулоти дарборӣ (февр. 1919) бо кӯмаки лашкариён ва аҳолии Кобул ба сари ҳокимият омад. Дар аҳди А. Афғонистон истиқлол ба даст овард. А. дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ ислоҳот гузаронд, қонуни асосии Афғонистонро тасдиқ кард, ки мувофиқи он ҳама сокинони мамлакат сарфи назар аз миллат, нажод, мазҳаб, вазъияти иҷтимоӣ дар назди қонун озод ва баробар, молу мулки онҳо дахолатнопазир, ғуломӣ бекор, озодии шахсӣ ва ғ. эълон карда шуд. А. тараққиёти саноат, ҳунармандӣ ва савдоро дастгирӣ намуд. Дар соҳаи маориф таълими ҳатмии ибтидоиро ҷорӣ кард. Дар солҳои ҳукмронии А. мавқеи иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон тақвият ёфт ва он аз тарафи давлатҳои ҳамсоя ва пеш аз ҳама, аз тарафи Иттифоқи Советӣ эътироф карда шуд. А. с. 1927 ба як қатор мамлакатҳои Осиё ва Европа, аз ҷумла ба Иттифоқи Советӣ сафар намуд. А. дар натиҷаи шуриши *Бачаи Саққо* маҷбур шуд, ки с. 1929 аз тоҷу тахт даст кашида, тарки ватан намояд. А. дар Швейцария фавтида, дар Ҷалолобод гӯронида шуд. *Х. Наваров.*

АМОНШАЙХӢ, деҳа, маркази С. қ. Чӯянгарон ва с-зи «50-солагии Комсомол»-и р-ни Орҷоникидзеобод РСС

Тоҷ. Дар сари роҳи Душанбе—Ромит воқеъ аст. То маркази район 10 км. Аҳол. 715 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, хонаи маданият, китобхона, шӯъбаи алоқа, нуқтаҳои хизмати маишӣ, магазин, пункти тиббӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — сабзавоткорӣ. Аз оби д. Кофарниҳон истифода мебаранд.

АМОРАТ (саҳеҳаш—и м о р а т, ар. امارة аз أمر амр, фармон), шакли ҳокимияти сиёсӣ. Давлати феодалӣ ё мулки феодал дар баъзе мамлакатҳои Осиё ва Африка, мас., *Аморати Курдоб*. Бино ба таълимоти динӣ, ҳокимияти рӯҳонӣ — имомат ва ҳокимияти сиёсӣ — аморат ягона буда, ҷудоӣ надоранд, яъне халифаҳо «амирулмӯъминин» — ҳокими ҳамаи мусулмонон мебошанд.

О. Р. Маҷлисов.

АМОРАТИ БУХОРО́ (то 1753 давлати хонии Бухоро), давлати феодалӣ дар Осиёи Миёна дар а-ҳои 16—ибтидои а. 20. Давлате, ки аз тарафи *Шайбониён* дар асоси давлати парокандашудаи *Темуриён* ташкил ёфта, дар охири а. 15 номи «Давлати хонии Бухоро»-ро гирифт. Дар аҳди салтанати *Абдуллоҳхони* II (1557—98) давлати хонӣ аз ҷиҳати сиёсӣ пуриқтидор ва сарзаминаш хеле васеъ гардид. Абдуллоҳхони II Балх (1573), Самарқанд (1578), Тошкент (1582), Фарғона (1583), Бадахшон (1584), Кӯлоб (1585), Хуросону Ҳироту Машҳад (1582—83), Хоразмро (1593—94) зери итоати худ дароварда, идораи марказии давлатро мустаҳкам намуд ва Бухоро ба як давлати мутамаркази феодалӣ табдил ёфт. Давлат аз Қошғар дар Шарқ то баҳри Аралу Каспий дар Ғарб, аз Туркистону Сайрам дар Шимол то қисми шарқии Хуросон дар Ҷануб доман паҳн намуд. Зироат, касбу ҳунар, савдо, маданият ривоҷ ёфт. Дар Бухоро, Самарқанд, Марғелон, Хуҷанд, Андиҷон, Тошкент, Ҷиззах, Ӯротеппа, Шаҳрисабз ва диг. шаҳрҳои калон ҳунармандӣ тараққӣ кард. Мас., а. 16 дар Самарқанд 61 навъ касбу ҳунар мавҷуд буд. Бухоро хеле васеъ шуда, қалъаи он ва истеҳкомҳои ҳарбӣ аз нав сохта шуданд, мадраса, хонақоҳ, корвонсарой, раста, ҳаммом, кӯчаҳои нав, пулҳо бино ёфтанд. Дар аҳди Шайбониён Бухоро бо Ҳиндустон, Туркия, Россия савдо ва муносибатҳои дипломатиро ривоҷ дод. Пас аз вафоти Абдуллоҳхон (1598), дар натиҷаи низоъҳои дохилие, ки дар аҳди ӯ сар шуда буд, писараш Абдулмӯъмин кушта шуд (1599) ва сулолаи Шайбониён барҳам хӯрд. Ба сари ҳокимият хонадони *Аштархониён* омад. Дар замони Аштархониён низоъҳои дохилӣ ва ҷангҳои дуру дароз бо ҳамсояҳои, хусусан бо Эрон, хонигарии Хева ва қазоқҳо мисли пештара давом кард. Ҳаёти маданӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати таназзул буд ва таассуби динӣ ривоҷ ёфт. Агарчи дар аҳди салтанати *Имомқулихон* (1612—42) маориф, савдо ва ҳунармандӣ қадре пеш рафт, вале ин пешравӣ кирой набуд. Охири а. 17—аввали а. 18 муборизаи синфӣ тезу тунд шуд. С. 1681 аҳолии Балх шӯриш бардошта, ҳокими Балх Шоҳбек-кӯкалтошро куштанд. Дар бисьёр маҳалҳои водии Зарафшон низ шӯришҳо сар заданд. Яке аз калонтарин исьёнҳо с. 1708 дар Бухоро ба амал омад. С-ҳои 20—40-уми а. 18 дар Кармина, Миёнколот, Шаҳрисабз ва диг. шаҳрҳо шӯришҳои зиддифеодалӣ шуда гузаштанд. С. 1723 вил. Самарқанд аз давлати Бухоро ҷудо шуд. Дар ибтидои а. 18 парокандагии феодалӣ авҷ гирифт. Шоҳи Эрон Нодиршоҳ аз ин истифода бурда с. 1740 қисми зиёди заминҳои давлати хониро забт кард. Баъди вафоти Нодиршоҳ (1747) ва муборизаи шадид с. 1753 ба сари ҳокимият *Муҳаммадраҳимбий* омад ва ба сулолаи *Мангития* (1753—1920) асос гузошт. Намояндагони хонадони Мангития худро амир меномиданд (ниг. *Аморат*). Дар натиҷаи ҷангҳои дуру дароз иқтисодиёт, касбу ҳунар ва х. қ. хароб шуд, парокандагии феодалӣ афзуд. Хони Хева худро мустақил эълон кард; мавқеи давлати хонии Хӯқанд, ки ибтидои а. 18 ташкил шуда буд, мустаҳкам гардид; ҳокимони Шаҳрисабз, Ҳисор, Бадахшон аз итоат баромаданд. Танҳо дар аҳди амир *Шоҳмурод* (1785—1800) ҳокимият қадре мустаҳкам шуд. Ӯ як қатор андозҳоро, ки падараш Дониёлбий (1758—85) ҷорӣ карда буд, бекор намуд, вале дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии А. дигаргунии куллӣ ба амал оварда натавонист. Дар сиёсат Шоҳмурод ба рӯҳониён такья намуда, мавқеи онҳоро баланд бардошт. Вай таҳти шиорҳои динӣ борҳо ба Хуросон ҳуҷум карда, онро талаву тороҷ намуд, барои ба даст даровардани соҳили чапи Аму бо Афғонистон дуру дароз ҷангид. Марв ва сарбанди д. Мурғобро хароб кард. Парокандагии феодалӣ, ҷангҳои бардавом ва зиёд будани миқдори андозҳо боиси сар задани шӯришҳои оммаи халқ мешуданд. Калонтарини онҳо шӯриши хитой-қипчоқҳо (1821—25) дар аҳди амир *Ҳайдар* (1800—27) буд. Дар аҳди амир *Насруллоҳ* (1827—60) нуфузи ҳокимият зиёд ва ҳудуди мамлакат васеъ шуд. Водии Зарафшон то Аму, дар Ҷанубу Шарқ то Сурхондарьё, Марв ва Балх зери итоати сулолаи Мангития буд. Заминҳои ҳосилхези Фарғона дар дасти хонҳои Хӯқанд монд. Амири Бу-



хоро бо ҷанг ин заминҳоро ба даст даровард ва с. 1842 ҳатто Хӯқандро як муддати кӯтоҳ зери итоати худ нигоҳ дошт. Умуман ҷангҳои харобиовари байни хонихои Хеваю Хӯқанд ва А. Б. то ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна муттасил давом карда, парокандагии феодалӣ хотима наёфт. Дар ҳаёти иҷтимоӣ системаи заминдории феодалие, ки а. 16 шакл гирифта буд, бо тағьироти ночиз давом мекард. Аз ҷиҳати маъмурӣ дар сари давлат баъд аз амир қушбегӣ, қозикалон, девонбегӣ меистоданд. А. Б. ба 25 вилояти беклишин тақсим шуда, ҳар яки он аз номи марказаш ном гирифта буд: Бухоро, Чорҷӯй, Қабоқлӣ, Нурато, Кармина, Зиёуддин, Хатирчӣ, Зирабулоқ, Шаҳрисабз, Китоб, Яккабоғ, Ғузор, Қаршӣ, Чироқчӣ, Бойсун, Шеробод, Каркӣ, Деҳнав, Ҳисор, Балҷувон, Қабодиён, Кӯрғонтеппа, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз. Дар А. Б. бештар точикон, туркманҳо, ӯзбекҳо зиндагӣ мекарданд. А. Б. мамлакати аграрӣ буда, замин ба замини амлок (давлатӣ), амирӣ, вақф ва мулк тақсим мешуд. Агарчи расман танҳо ду навъи андоз ҷорӣ буд: аз зироат хироҷ ва аз чорво закот мегирифтанд, дар асл навъҳои андоз зиёд ва ҳаҷми онҳо калон буд. Андозе, ки аз аҳолӣ ситонида мешуд, ба хазинаи амир ва кисаи амалдорони ӯ медаромад. Сарвати мамлакат — замин, чорво ва об пурра дар ихтиёри синфҳои доро буд, деҳқонон, чорводорони оддӣ, хунармандони хурд қашшоқу бенаво, тақрибан 21%-и деҳқонон камзамин ё безамин буданд.

Тараққиёти капитализм дар Россия ва ҷустуҷӯи бозори фурӯш ва манбаи ашёи хом масъалаи ба Осиёи Миёна рӯ овардани Россияи подшоҳиро ба миён гузошт. Илова бар ин хавфи аз тарафи Англия забт шудани Осиёи Миёна ҳукумати подшоҳиро водор намуд, ки фавран ба Осиёи Миёна сар дарорад. 17 мае 1865 Россияи подшоҳӣ Тошкент, 24 мае 1866 Хуҷанд, 2 окт. Ӯротеппа, 18 окт. 1866 Ҷиззахро ба худ тобеъ кард. 1867 барои идора намудани заминҳои забтшуда Генерал-губернатории Туркистон ташкил шуд. 2 мае 1868 Самарқанд ба тобеияти Россия даромад. Июни 1868 дар назди Зирабулоқ амир *Музаффар* аз подшоҳи Россия шикаст хӯрд, амир аз генерал-губернатор сулҳ талабид. 23 июни 1868 шартномае ба имзо расид ва заминҳои ишғолкардаи қӯшунҳои рус ба ихтиёри Россия гузаштанд; А. Б. тобеи Россия шуда, аз ҳуқуқи сиёсати берунаи мустақилона маҳрум гашт; амир ба подшоҳи рус 500 хаз. сӯм товони ҷанг дод; киштиҳои рус ҳуқуқи дар Аму озодона шино карданро гирифтанд; ҳукумати подшоҳӣ ҳуқуқ пайдо намуд, ки дар ҳудуди А. Б. ҳариду фурӯш кунад. 23 сент. 1873 ба шартномаи с. 1868 моддаҳои нав дохил шуданд, ки мувофиқи онҳо А. Б. ба Россия бештар тобеъ шуд. Дар натиҷа сеяки ҳудуди А. Б. ба ихтиёри Россия гузашт: А. Б. Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент, Самарқанд, Каттақӯрғон, Зирабулоқ, вилоятҳои Шуғнон, Вахон, Рӯшонро аз даст дод. Хусусан аз даст рафтани болооби д. Зарафшон халқро аз манбаи асосии ҳаёт — об маҳрум карда, А. Б.-ро аз ҷиҳати иқтисодӣ побанди Россия намуд.

Бо вуҷуди ин ба ҳайати Россияи нисбатан пешқадам кашида шудани А. Б. воқеаи прогрессивӣ буд. Синфи заҳматкаши А. Б. бо халқи рус, бо пролетариати революционии он наздик шуд. Аз с-ҳои 80-уми а. 19 дар А. Б. муносибатҳои капиталистӣ пайдо шуданд. Ба ин процесс то як андоза сохтмони роҳи оҳани Закаспий, ба вуҷуд омадани муассисаҳои саноатӣ, пешрафти савдо ва г. мусоидат кард. Дар арафаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар А. Б. якчанд ҷамъияти нақлиёт, идораҳои суғурта амал мекарданд. Сохибони онҳо асосан буржуйҳои рус буданд. Дар ин давр дар А. Б. 50 корхона, аз ҷумла, 26 з-ди пахта мавҷуд буд. С. 1894 дар Бухоро Нав — Когон Шӯъбаи Банки Давлатӣ кушода шуд, то с. 1915 боз 7 шӯъбаи банкҳои хусусӣ таъсис ёфт; Бо вуҷуди ин муносибатҳои капиталистӣ дар А. Б. суст тараққӣ мекард. Партияи буржуазии *ҷавонбухориён* ташкил ёфт, вале сиёсати он иртиҷоӣ буд. Бо таъсири Рев. Каб. Соц. Октябрь ва аввалин муваффақиятҳои сохтмони социалистӣ дар Туркистон ҳаракати революционии халки А. Б. авҷ гирифт. Тобистони 1918 Партияи Коммунистии Бухоро ташкил ёфт ва рохбарии ҳаракати революциониро ба дасти худ гирифт. Съезди 4-уми ПКБ (1920) дар хусуси тайёр намудани шӯриши яроқнок қарор қабул кард. 2 сент. 1920 меҳнаткашони А. Б. бо ёрии қисмҳои Армияи Сурх ҳокимияти амирро сарнагун карданд. А. Б. бархам хӯрд. 8 окт. 1920 Қурултои 1-уми умуми Бухоро таъсиси Республикаи Советии Халкии Бухороро эълон кард.

Ад.: Айнӣ С., Таъриҳи амирони мангитияи Бухоро. Тошкент, 1922; Гафуров Б. Г., Прохоров Н. Н., Падение Бухарского эмирата. Сталинабад, 1947; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972; Искандаров Б. И., Бухара (1918—20). Д., 1970.

Б. Искандаров.

АМОРАТИ ҚУРДОБ, давлати феодалӣ дар нимҷаз. Пиреней (756—929), ки дар натиҷаи қисми калони нимҷаз-ро забт кардани арабҳо ва барбариҳо ташкил гардид. Аз с. 929 ба *Хилофати Кордоб* табдил ёфт.

АМОРАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АРАБ (АМА) الإمارات العربية المتحدة давлати мустақил (аз дек. 1971) дар шимоли шарқи нимҷаз. Арабистон. То 1971 чун Уммони Аҳдӣ тобеи Британияи Кабир буд.

АМОРАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АРАБ
185 0 185 км
Бандарабби
Лаҳҳ
Ал-Фуҷайра
Шарҷа
Дубай
Ал-Зарҳ
Уму-л-Қайвайн
Раъс-ул-Хайма
Ал-Фузайра
Ал-Кулба
Ал-Сиҳоро
Ал-Буреймӣ
Ал-Мирфаъ
Ат-Таврӣ
Ҷебел-Дҳанна
Абӯзаби
Ал-Ҳаҳ
Ал-Ҳаҳ
Ал-Ҳаҳ

С-ҳои 20-уми а. 20 дар Уммони Аҳдӣ ҳаракати зидди Англия оғоз ёфта, баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) хеле авҷ гирифт. Дар натиҷаи афзоиши ҳаракати миллии озодихоҳӣ таъсири Британияи Кабир дар ноҳияи хал. Форс суст шуд ва с. 1971 таъсиси давлати мустақили АМА эълон гардид. АМА ба аъзоии ТДМ ва Лигаи давлатҳои араб қабул шуд. Дек. 1971 байни АМА ва СССР муносибатҳои дипломатӣ муқаррар гардиданд.

Хоҷагӣ. Соҳаи асосии иқтисодиёт саноати истеҳсоли нефть аст (аморатҳои Абӯзабӣ ва Дубай); захираи нефти кашфшуда қариб 2,5 млрд т, ки онро ширкатҳои хориҷӣ (Англия, Франция, Америка ва Германияи Ғарбӣ) ҳосил мекунанд. Машғулияти асосии аҳолии деҳот— деҳқонӣ: парвариши хурмо, меваҳои гуногун, сабзавот, ғалла ва ғ. Аз баҳр моҳӣ ва марворид мегиранд. Роҳи оҳан нест. Воситаи асосии нақлиёт — автомобиль. Ҳамлу нақли улавӣ ҳам аҳамияти худро гум накардааст. Бандарҳои баҳрӣ: Дубай, Абӯзабӣ, Шарҷа, Раъс-ул-Хайма. Аэропорти калон дар Шарҷа. Молҳои асосии экспорт — нефть, моҳӣ, марворид ва пӯст. Мошин ва таҷҳизот, молҳои саноатии сермасриф ва хӯрокворӣ аз хориҷа оварда мешавад. Шарикони асосии тиҷорати хориҷӣ: Британияи Кабир, ШМА, Япония, РФГ. Воҳиди пул — дирҳам.

Ад.: Новейшая история арабских стран, М., 1968; Медведко Л. И., Ветры времен в Персидском заливе, М., 1973.

АМОРИҲО, аморейҳо, амуррӯҳо, қабилаҳои қадимаи сомиҳои Арабистон. Дар биёбони Сурия (аз Фаластин то халичи Форс) бодиянишин буданд. Дар охири ҳазорсолаи 3 то м. бо оламиҳо давлати сулолаи III Урро торумор карда, тақр. с. 1894 то м. салтанати Бобулистони қадимро барпо намуданд. Дар Байнаннаҳрайн сокин шуда, а. 18—17 то м. бо аҳолии маҳаллӣ омехта шуданд. Аммо А. дар Сурия дар а-ҳои 15—14 то м. (дар Фаластин — то а. 12—10 то м., то омезиш бо яҳудиён) ҳам зиндагӣ мекарданд.

АМОРТИЗАТОР (франс. amortir — суст кардан, нарм кардан), олат барои суст ва сабук кардани таъсири зарба дар конструкцияҳои мошину иншоот, ки бо мақсади аз ларза ва гаронборшавӣ ҳимоя намудан истифода мешавад. А.-ҳо механикӣ (рессораҳо, торсионҳо, буферҳо, элементҳои резинӣ), гидравликӣ (пружинаҳои гидравликӣ) ва пневматикӣ (пружинаҳои пневматикӣ) мешаванд, ки сохти онҳо мувофиқан ба хосияти чандирии ҷисмҳои сахт, моеъ ва газҳо асос ёфтааст. А. ниҳасти нарми аппаратҳои париш, ҳаракати ҳамвори автомобиль, локомотив ва ғ.-ро таъмин мекунад.

АМОРТИЗАЦИЯ (лот. amortisatio — истеҳлок, ҷуброн), 1) оҳистаоҳиста фарсуда шудани фондҳо (таҷҳизот, бино, иншоот) ва ба маҳсулоти истеҳсолшаванда кам-кам гузаштани арзиши онҳо (ниг. *Амортизацияи фондҳои асосӣ*). 2) Костани қимати молу мулке, ки аз он андоз ситонда мешавад. 3) А. дар техника (аз amortir) суст ва нарм кардани шиддати зарба.

АМОРТИЗАЦИЯИ ФОНДҲОИ АСОСӢ, процесси объективии иқтисодии гузаронидани арзиши фондҳои асосӣ ба қадри фарсоиш ба маҳсулоте, ки бо ёрии ин фондҳо тайёр шудааст. Дар ҳар як воҳиди маҳсулоти нав қисми арзиши фондҳои асосӣ мутаносибан ба фарсудани онҳо таҷассум меёбад. Фарсоиш ду хел мешавад: ҷисмонӣ ва маънавӣ (ниг. *Фарсоиши ҷисмонӣ, Фарсоиши маънавӣ*). Баробари фарсоиши арзишии фондҳои асосӣ фонди пурракунӣ ба вуҷуд меояд, ки қисми асосии он фонди амортизация номида мешавад. Агар фондҳои асосӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодда аз кор бароянд, арзиши фарсоиши онҳо ба маҳсулоти тайёр гузаронда намешавад. Фондҳои асосии ғайриистеҳсолӣ (хонаҳои истиқоматӣ, клуб, мактаб, касалхонаҳо ва ғ.) дар рафти истифода тадричан мефарсоянд, вале арзиши онҳо ба маҳсулот намегузарад, зеро дар ин ҳол ягон маҳсулот истеҳсол намешавад. А.-и объектҳои арзишашон аз лимити муқарраршуда (ҳар воҳид 50 сӯм) кам ва ё мӯҳлати хизматашон аз як сол камтар буда, ҳамчун воситаи гардон ба ҳисоб гирифта мешаванд. Маблағи амортизационӣ қисми таркибии арзиши аслии маҳсулот мебошад. Ин маблағро ба ду қисм ҷудо менамоянд: маблаги комилан пурра кардани фондҳои асосӣ ва маблаги қисман барқарор кардани фондҳои асосӣ (таъмири асосӣ ва такмил). Нормаҳои А. барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ аз тарафи органҳои давлатӣ тасдиқ карда шуда, риояи он барои ҳамаи корхонаю ташкилотҳо ҳатмист. А. дар замони социализм пур кардани ҷои арзиши фондҳои асосии аз кор баромадаро таъмин мекунад. А. фарсоиши фондҳои асосиро инъикос карда, бо мақсади дуруст ҳисоб кардани маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятӣ ва захираҳои молиявӣ, ки барои маблағгузорӣ асосӣ ва такмили фондҳои асосӣ сарф мегардад, истифода мешавад. Дар шароити истеҳсолоти капиталистӣ фонди амортизация барои барқарор намудани капитали асосӣ равона мешавад. Капиталистон барои рӯпӯш кардани андозаи ҳақиқии фоида аксар вақт дидаю дониста ба фонди амортизация аз арзиши фарсоиши ҳақиқӣ бештар маблаг ҷудо мекунанд ва бо ҳамин даромади ҳақиқиро, ки аз он бояд андоз диҳанд, пинҳон месозанд. Ниҳоят амортизация дар дасти капиталистон воситаи иловагии бой шудан ва ба фоидаи худ аз нав тақсим кардани даромади миллӣ мебошад.

АМОСОВ Николай Михайлович (тав. 19. 12. 1913), ҷарроҳи советӣ, акад. АФ РССУ (1969), аъзо-корр. АИТ СССР (1961), Ходими Хизматнишондодаи илми РССУ (1958), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1973). С. 1939 Ин-ти тиббии Архангельскро хатм намуд. С. 1954 кафедраи ҷарроҳии қафаси синаи Ин-ти такмили ихтисоси духтурони Киевро ташкил ва роҳбарӣ кард. Корҳои А. ба муолиҷаи ҷарроҳии беморихои шуш, дил, рагҳои хунгард, кибернетикаи биологӣ ва тиббӣ бахшида шудаанд. Ӯ асарҳои бадеӣ низ таълиф кардааст. (Мас., повести «Афкор ва дил», 1965). Депутати Совети Олии СССР (даъвати 6 ва 7). Лауреати Мукофоти ленинӣ (1961). Бо ордени Ленин ва дигар ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Очерки торакальной хирургии, Киев, 1958; Операции на сердце с искусственным кровообращением, Киев, 1962.

АМПЕЛОГРАФИЯ (юн. ámpelos — ток, gráphō — менависам), илми токшиносӣ, ки тавсифи ботаникӣ, таснифот, хусусиятҳои биологӣ, технологӣ ва аҳамияти хоҷагии навъу намудҳои токро меомӯзад. А.-и умумӣ систематика, таснифот, пайдоиш ва мувофиқи шароити иқлиму хоки ҳар маҳал парвариш ёфтани токро тадқиқ мекунад. А.-и ҷузъӣ тавсифи ботаникӣ, биологӣ ва хоҷагии навъҳои алоҳидаи токро меомӯзад. Ҷиҳатҳои ампелографии хелҳои ток дар коллекцияҳои ампелографӣ ва токзори истеҳсолӣ тадқиқ мешавад. А. баробари тадқиқоти назарӣ беҳтарин навъҳои токро муайян намуда, барои санҷиш пешкаш мекунад.

А. ҳамчун соҳаи мустақили ботаника дар аввали а. 19 пайдо шуд. С. 1873 дар Вена Комиссияи байналхалқии ампелографӣ таъсис ёфта, системаи ягонаи баҳодиҳиро ба навъҳои ангур тасдиқ намуд. С-ҳои 1946—48 дар СССР асари 6-ҷилдаи «Ампелографияи СССР» ва с-ҳои 1962—67 4 ҷилд «Ампелографияи СССР (Навъҳои кам паҳншудаи ангур)» нашр гашт, ки 1500 навъи маҳаллию 1000 хели ғайримаҳаллиро дарбар гирифтааст. Ба «Ампелографияи СССР» 193 навъи ангури маҳаллии РСС Ӯзб., 119 навъи РСС Тоҷ. ва 40 навъи РСС Туркм. дохил шудааст.

АМПЕР (Ampére) Андре Мари (21. 1. 1775, Лион — 10. 6. 1836, Марсель), физик ва математики франса-

вӣ, яке аз асосгузорони *электродинамика,* аъзои АФ Париж (1814), проф. Мактаби нормалии Париж (1824). Тадқиқоти А. дар соҳаи математика ба назарияи эҳтимолият, татбиқи ҳисоби вариационӣ дар механика ва таҳлили математикӣ оид аст. А. қонуни таъсири мутақобилаи механикии ҷараёнҳо, қоидаи бо таъсири ҷараён самти худро дигар кардани ақрабаки магнитиро муқаррар намуд (ниг. *Қоидаи Ампер*) ва бори аввал назарияи *магнетизмро* пешниҳод кард. Пас аз тадқиқоти А. магнетизм қисми электродинамика гардид. А. назарияи электродинамикаро дар «Назарияи ҳодисаҳои электродинамикие, ки комилан аз таҷриба бармеояд» (1826) ном асари худ баён карда, дар «Таҷрибаи фалсафаи илмҳо...» (1834) ном асараш илмҳои замонашро хеле моҳирона тасниф намудааст.

АМПЕ́Р, 1) воҳиди қувваи ҷараёни электрикӣ дар *Системаи воҳидҳои байналхалқӣ* (СІ). Бо А ишора мешавад. Ба шарафи физики франсавӣ Андре *Ампер* гузошта шудааст (1881). А. қувваи ҷараёни тағьирнаёбандаест, ки аз ду ноқили рости бенитиҳои параллели буриши мудаввари ночиз дошта, ки дар вакуум аз якдигар дар масофаи 1 м воқеанд, ҷорӣ шуда, дар байни онҳо ба ҳар 1 м дарозӣ қувваи $2 \cdot 10^{-7}$ ньютон ба вуҷуд меоварад. Қимати мутлақи А. дар системаи СГСЭ ба $3 \cdot 10^9$ ва дар системаи СГСМ ба 0,1 воҳиди қувваи ҷараён баробар аст; 2) воҳиди қувваи магнитҳаракатдиҳанда (дар системаҳои МКСА ва СИ): А. қувваи магнитҳаракатдиҳандаест дар тӯли контури сарбастае, ки бо контури ҷараёни доимии қувваш 1 А пайваст аст.

АМПЕРВОЛЬТВАТТМЕ́ТР, асбоби электрченкунандаи муштарак барои дар занҷири электрикӣ чен кардани қувваи ҷараён, шиддат ва иқтидор. Аз ҳама системаҳои А.-ҳо (электродинамикӣ, ферродинамикӣ, индукционӣ ва ғ.) А.-ҳои системаи электродинамикӣ маъмултаранд. А.-ҳои электродинамикӣ аз симпечҳои беҳаракат ва мутаҳаррик иборатанд. Барои чен кардани шиддат симпечҳо ба якдигар пай дар пай, аммо ба занҷир параллель пайваста мешаванд. Барои чен кардани қувваи ҷараён симпечи якуми А.-ро бо симпечи дуюми трансформатори ҷараён (ки худ ба занҷир пай дар пай пайваста аст) пай дар пай мепайванданд. Ҳангоми чен кардани иқтидор симпечи беҳаракати А.-ро ба занҷир пай дар пай, вале симпечи мутаҳаррикашро параллель пайваст мекунанд.

АМПЕРВОЛЬТОММЕ́ТР, а в о м е т р ё т е с т е р, асбоби электрченкунандаи муштараки дастӣ барои чен кардани қувваи ҷараён, шиддат ва муқовимат дар занҷирҳои ҷараёни доимӣ ва ҷараёни тағьирёбандаи баландбасомад. *Дараҷоти дақиқии* А.-ҳо гуногун мешаванд. А. дар як вақт чун *амперметр, вольтметр* ё *омметр* хидмат мекунад. Мувофиқи принципи кор А.-ҳои системаи магнитоэлектрикӣ ва системаи детекторӣ (росткунанда) мавҷуданд. Бо А.-ҳои системаи магнитоэлектрикӣ бузургиҳои электрикиро дар занҷирҳои ҷараёни доимӣ ва бо А.-ҳои системаи детекторӣ ин бузургиҳоро ҳам

Ампервольтомметри ТТ-2 (тестери техникӣ).

дар занҷирҳои ҷараёни доимӣ ва ҳам дар занҷирҳои ҷараёни тағьирёбанда чен кардан мумкин аст. А. барои дар занҷирҳои электрикӣ ошкор кардани каниш ё *иттисоли кӯтоҳ,* муайян кардани режими кори радиолампаҳову ҷузъҳои алоҳидаи аппаратураҳои электронӣ, дар амалияи радиотехникӣ ва ғ. васеъ кор фармуда мешавад.

АМПЕРМЕ́ТР, асбобест барои чен кардани қувваи ҷараён дар занҷири электрикӣ. Вобаста ба доираи қиматҳои қувваи ҷараён шкалаи А.-ро ба килоампер, миллиампер ва микроамперҳо тақсим мекунанд. А.-ҳои худнавис низ мавҷуданд (ниг. *Асбоби ченкунии худнавис*). А. дар занҷири



Схемаи пайвасти амперметр: *а*—бо шунт (1 — шунт, 2 — нагрузка), *б* — ба воситаи трансформатори ҷараён (1 — трансформатор, 2 — нагрузка).

электрикӣ пай дар пай пайваст карда мешавад; барои васеъ шудани ҳадди ченкунӣ А.-ро бо шунт ё ба воситаи трансформатор мепайванданд. Аз таъсири қувваи ҷараён ақрабаки А. мутаносибан ба бузургии қувваи ҷараён ба ин ё он кунҷ майл мекунад. Мувофиқи принципи кор А.-ҳои системаи магнитоэлектрикӣ, электромагнитӣ, электродинамикӣ, ферродинамикӣ, ҳаратӣ ва ғ. мавҷуданд.

АМПЕ́Р-ПЕЧАҲО́, ҳосили зарби адади печҳои ғалтаке, ки аз он ҷараёни электрикӣ мегузарад, бар бузургии қувваи он ҷараён (бо амперҳо). Шиддатнокии майдони магнитии дар ғалтак ҳосилшаванда ба адади А.-п.-и ҷараён вобаста аст. Дар системаи СГС 1 А.-п.= 0,4π Гб (гильберт) ва дар системаи МКСА

$1 \frac{\text{А.-п.}}{\text{м}} = 0{,}4\pi \cdot 10^{-2}$ Э (эрстед)

мебошад.

АМПЕ́Р-СОА́Т, воҳиди ғайрисистемавии миқдори электрик; А.-с. ба миқдори электрике, ки аз буриши кӯндаланги ноқил дар 1 соат ҳангоми 1 А будани қувваи ҷараён мегузарад, баробар аст. Бо А.-с. ишора мешавад. 1 А.-с. = 3600 Кл. Одатан барои ифода кардани заряди аккумуляторҳо истифода мешавад.

АМПЛИТУДАИ ЛАППИ́Ш, калонтарин тамоили қимати бузургист (аз қимати нулӣ), ки дар лаппиши гармоникӣ содир мешавад. Мас., тамоили раққосак (маятник) аз ҳолати мувозинат, тамоили қимати шиддат ва қувваи ҷараён дар ҷараёни электрикии тағьирёбанда ва ғ. Дар процесси лаппиш қимати калонтарини он пас аз ҳар як нимдавр такрор меёбад. Дар лаппишҳои гармоникӣ А. л. бузургии доимист. Ниг. *Лаппиш.*

АМПУТА́ЦИЯ (лот. amputatio — бурида дур кардан), амали ҷарроҳист, ки қисми канории дасту пой ё аъзои иллатнок (мас., ғадуди шир, гарданаи бачадон ва ғ.)-ро бурида дур мекунанд. Қисмаи А. кардани дасту пойро э к з а р т и к у л я ц и я ва пурра А. кардани аъзоро э к с т и р п а ц и я меноманд. Фақат дар сурате А. мекунанд, ки ягон аъзои бадан аз кор монад ё ки хавфе ба ҳаёти бемор оварад. А.-и дасту пой яке аз қадимтарин усулҳои ҷарроҳӣ мебошад. Тибби муосир барои роҳ надодан ба чирк гирифтани ҷароҳат чорабиниҳои эътимоднок (тоза кардани ҷароҳат, истифодаи антибиотик ва ғ.)-ро ба кор мебарад. Аз ин сабаб ҳатто дасту пой ё аъзои хеле сахт захмдоршударо бе А. сиҳат кардан ҳам мумкин аст. Ҳангоми А. ҳаминро ба назар мегиранд, ки қисми боқимондаи дасту пой ба протез кардан имконпазир гардад.

АМР (ар. أمر — фармон), дар ҳ у қ у қ, 1) фармоиши шахс ё органи ваколатдор дар бобати ҳалли масъалаи конкрет. 2) Номгӯи муайяни актҳои ҳуқуқ, ки органҳои Ҳокимияти Советӣ мебароранд. Фармоишҳои Совети Вазирони СССР, Совети Вазирони республикаҳои иттифоқӣ ва автономӣ, Советҳои маҳаллии депутатҳои

халқӣ ва комиҷроияҳои онҳо доир ба масъалаҳои ҷудогона А. номида мешаванд. *А. И. Имомов.*

АМР дар техникаи ҳисоб, коди махсус, ки мавриди иҷрои ягон амал (ҷамъ, тарҳ, зарб ва ғ.) ё қисми процесси ҳисоб дар ҳисобмошини рақамӣ истифода мешавад. Барои дар ҳисобмошини электронӣ ҳал кардани ҳаргуна масъала программае тартиб дода мешавад, ки амалҳои мантиқию арифметикиро бо тартиби муайян дарбар мегирад. Программа аз А.-ҳои алоҳида ташкил ёфта, ба тарзи силсилаи рақамҳои маълум (коди ададӣ) навишта мешавад. Ҳар як А. асосан аз ду қисм: қисми амалиёт (*код*) ва қисми адрес иборат аст. Дар қисми амалиёт ишорати ададие, ки чӣ гуна амалиётро бояд мошин иҷро кунад, дар қисми адрес номери (адреси) ячейкаҳое, ки ададҳои дар амалиёт иштироккунанда ҷойгиранд, номери (адреси) ячейкае, ки бузургии натиҷавии амалиётро ба он фиристодан лозим аст ва ғ. қайд мешавад. А.-ҳо вобаста ба навъи мошин як, ду, се, чор ва панҷ адреса шуда метавонанд. А.-и якадреса аз коди як амалиёт ва адрес иборат буда, ба мошинҳои якадреса мансуб аст. Ин навъ мошинҳо ғайр аз олати арифметикӣ, боз барои маҳфуз доштани натиҷаҳои мобайнӣ як ё ду регистр доранд. Барои иҷрои амалиёти $a + b = c$ дар мошин бояд се А.-и якадреса иҷро гардад: 1) $S \leftarrow$ «a» (ададӣ a дар ячейкаи «a» ҷойгир аст), ададӣ дар ячейкаи «a»-и олати ҳофизаи мошин ҷойгирбуда ба сумматор (олати ҷамъкунанда) гузаронида мешавад; 2) $S + b$ ададӣ дар ячейкаи «b» буда ба ададӣ дар сумматор ҷойгирифта зам шуда, дар он натиҷа ҳосил мешавад; 3) $S \rightarrow c$, ададӣ дар сумматор ҳосил шуда ($a + b$) ба ячейкаи «c» фиристода мешавад. Намунаи мошинҳои якадреса мошинҳои навъи «Урал» мебошанд. Дар А.-и дуадреса адреси ду аргументи дар амалиёт иштироккунанда ё ки адреси яке аз онҳо ва адреси натиҷа нишон дода мешавад. Мас., барои иҷрои амалиёти $a + b$ чунин А.-ҳо бояд иҷро шаванд: 1) $a + b$; 2) $S \rightarrow c$. Ҳангоми иҷро шудани А.-и якум ададӣ ячейкаи «a» ба ададӣ ячейкаи «b» зам шуда, натиҷа дар сумматор ҳосил мешавад; баъди иҷрои А.-и дуюм ададӣ дар сумматор ҳосилшуда ба ячейкаи «c» фиристода мешавад. «Минск», «Днепр» ва ғ. намунаи мошинҳои дуадреса мебошанд. Барои мошинҳои сеадреса А.-ҳо чунин навишта мешаванд: $a+b=c$, $a-b=c$, $a \times b = c$, $a : b = c$. Мас., А.-и $a : b = c$ чунин маъно дорад: ададӣ ячейкаи «a»-ро ба ададӣ ячейкаи «b» тақсим карда, натиҷаро ба ячейкаи «c» фиристодан лозим. Ба мошинҳои сеадреса ҳисобмошинҳои электронии «М-20», «БЭСМ», «БЭСМ-2», «БЭСМ-4», «БЭСМ-6» ва «Стрела» мансубанд. *Н. Рабеҷонов.*

АМР ИБНИ КУЛСӮМ عمرو ابن كلثوم (с. тав. номаълум — ваф. 584), шоири араб, пеш аз ислом. Аз оилаи бонуфуз, дар ҷавонӣ амири қабилаи худ будааст. А. и. К. дар таъриҳи адабиёти араб бештар бо *муаллақот* машҳур аст. Аз мероси адабии ӯ девони ашъор боқӣ монда, борҳо нашр гардидааст. Як қисми муаллақоти вай ба забонҳои англисӣ ва немисӣ тарҷума шудааст. *Ҳ. Наққош.*

АМР ИБНИ ЛАЙС عمرو ابن ليث (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳокими давлати *Саффориён*. Дар Хуросон с-ҳои 870—900 ҳукмронӣ кардааст. А. и. Л. бар хилофи бародараш — асосгузори ин давлат *Яъқуб ибни Лайс* ба маркази хилофати араб итоат намудани худро изҳор кард. Халифа ӯро ҳокими қонунии Хуросон ва як қатор вилоятҳои шарқии Эрон таъин намуд. Халифа барои суст кардани иқтидори давлати *Сомониён* с. 898 ҳукмронии Моваруннаҳрро ҳам ба А. и. Л. супорида, ӯро бо *Исмоили Сомонӣ* ҷанг андохт. С. 900 дар назди Бухоро байни онҳо задухӯрд ба амал омада, А. и. Л. шикаст хӯрд. Исмоил ӯро асир гирифта, ба ихтиёри халифа фиристод. С. 902 А. и. Л. қатл карда шуд ва ҳамаи мулкҳои Саффориён ба ихтиёри Сомониён гузашт. *А. Ҷалилов.*

АМРИТЛОЛ НАГАР (тав. 17. 8. 1916, ш. Агра), нависанда, публицист ва тарҷумони ҳиндӣ. Яке аз асосгузорони Иттифоқи театрҳои халқии Ҳиндустон. Ба арсаи адабиёт дар айни ҷӯшу хурӯши муборизаи миллии озодихоҳии халқи ҳинд қадам гузоштааст. Аввалин асарҳояш с. 1934 дар матбуот пайдо шудаанд. Дар эҷодиёти ӯ таъсири бевоситаи *Премчанд*, Ҷайшанкар, Прасад, Нирола ва Пант мушоҳида мегардад. Аз с. 1937 муҳаррири журнали ҳаҷвии «Чакаллас» («Ширинкор»). Аксар ҳикояҳои ҳаҷвии худро дар ҳамин журнал бо тахаллуси Таслими Лакҳнавӣ нашр мекунад. Мавзӯи ҳикояҳои А. Н. тарғиби илму маърифат ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мебошад. Ӯ рӯҳониёни мутаассиброро сахт танқид кардааст. Романҳои ӯ «Гуруснагӣ» (1946), «Судхӯр Банкалол» (1955), «Қатра ва баҳр» (1956), «Мӯҳраҳои шатранҷ» (1959) шӯҳрат доранд. *Ш. Пӯлодова.*

АМРИТСАР, калонтарин шаҳри шт. Панҷоб дар шимоли Ҳиндустон. Аҳол. 432,7 ҳаз. наф. (1971). Узели р. о., маркази муҳими тиҷорат ва саноат (асосан бофандагӣ ва хӯрокворӣ). Бо истеҳсоли матоҳои пашмин, пахтагин, абрешимӣ ва қолинбофӣ машҳур аст. Аз металл, устухон ва чарм ҳар гуна маснуоти дастӣ тайёр мекунанд. А. с. 1557 дар соҳили кӯли муқаддаси «Оби Ҳаёт» (ба санскритӣ «Амрита Сарас») буньёд ёфта, ба шаҳри муқаддас, маркази дин ва маданияти сикхҳо табдил ёфт. Дар А. зиёратгоҳи асосии сикхҳо — «Маъбади заррин» воқеъ аст.

АМРӮД, ниг. *Мурӯд.*

Амстердам. Райони марказии шаҳр (майдони Лейдсхе-плейн).

Амстердам. Музеи давлатй.

АМСТЕРДА́М (Amsterdam), пойтахти Нидерланд, калонтарин шаҳри мамлакат, бандари бахрй, маркази муҳими иқтисодию маданй. Аҳол. 1002 ҳаз. наф. (1 янв. 1974, бо атрофаш). А. дар дельтаи д. Амстел, назди хал. Эйселмер ҷой гирифта, мавқеи мусоиди нақлиётию географй дорад. Каналҳои сершумор, роҳҳои оҳану шоссе А.-ро бо Гаага, Роттердам ва диг. ш-ҳои Нидерланд мепайванданд. Аэропорти байналхалқй — Схипхол. Корхонаҳои саноати мошинсозй (хусусан самолёт ва киштисозй), электротехникй, электронй, химия (истеҳсоли кислота, нуриҳои минералй, рангу лок), истеҳсоли маҳсулоти нефть, чўбгарй, дўзандагй ва хўрокворй дорад. Аз қадим ҳамчун маркази сайқалдиҳии алмос ва савдои алмос машҳур аст. А. яке аз муҳимтарин марказҳои молия ва банки Европаи Ғарбй ба шумор меравад. Дар шаҳр 2 ун-т, Академияи фанҳо, якчанд ин-тҳои тадқиқоти илмй, 35 музей (аз ҷумла, Музеи давлатй, хона-музеи Рембрандт, Музеи бахрй), ёдгориҳои сершумори таърихй ва меъморй ҳаст. Номи А. бори аввал дар маъхазҳои а. 13 зикр гардидааст.

АМУ́, Ому (лот. Oxus — Оксус, ар. جيحون — Ҷайҳун; ба ривояте Ому аз номи ш. Омул омадааст, ки он дар ҷои Чорҷўи ҳозира воқеъ будааст), калонтарин дарёи Осиёи Миёна. Дар қисми болообаш Тоҷикистон ва Ўзбекистонро аз Афғонистон ҷудо мекунад. А. аз як шудани д-ҳои *Панҷу Вахш* ба вуҷуд омада, ба б. Арал мерезад. Тўлаш 1415 км, аз саргаҳи Панҷ 2540 км. Масоҳ. ҳавзаш то ш. Каркй 309 ҳаз. км² (ғайр аз ҳавзаҳои Зарафшон ва Қашқадарёе). Майдони обчамъшавй (якҷоя бо ҳавзаҳои Зарафшон ва Қашқадарёе) 227 ҳаз. км². Қисми асосии оби А.-ро д-ҳои Панҷ ва Вахш медиҳанд, ки сароби онҳо пирьяҳҳои бисёре ва барфҳои доимй дорад (масоҳ. пирьяҳҳо қариб 8 ҳаз. км²). Аз ҷои як шудани д-ҳои Панҷу Вахш то тангнои Илчик (байни Калиф ва Каркй) бари водии ҳозираи А. аз 4 то 25 км аст. Баъди аз тангно гузаштани он бари водй то 2—4 км васеъ мешавад ва дарёе ба Шим. Ғ. тоб хўрда, аз байни биёбонҳои Қароқум ва Қизилқум ҷорй мегардад. Дар тангнои Туямуюн А. аз таҳнишастҳои аллювиалии дельтаи қадима мегузарад. Сонй водии дарёе васеъ шуда, он ба даҳҳо км мерасад; дельтаи ҳозираи А. аз деҳаи Тахиатош сар мешавад. 180 км-и аввали А. шохобҳо дорад, дар масофаи боқимонда оби он барои обёрй сарф мегардад, қисман бухор ва дар охир камоб шуда мемонад. Шохобҳои асосиаш — Кофарниҳон, Сурхондарёе ва Сурхоб (Қундуз). Афзоиши сарфи оби А. одатан аз март сар шуда, моҳҳои июнь-авг. ба дараҷаи баланд мерасад. Сарфи солонаи об дар моҳҳои янв.-февр., гоҳо март кам аст. То с. 1960 сарфи миёнаи об дар назди ш. Каркй 2000 м³/сон.-ро ташкил медод. Оби А. лойолуд аст (3,3 кг/м³). Поёноби А. ях мебандад, дар атрофи ш. Нуқус он тақрибан 4 моҳ ях мекунад. Соҳилҳояш, хусусан поёноби он тўқаю чакалакзор (санҷид, сафедор, газ, най ва ғ.). Дар А. моҳй бисьёр аст: лаққамоҳй, хормоҳй, белбиннй, заҳорамоҳй ва ғ. А. ва шохобҳои он барои обёрй аҳамияти калон дорад; аз он заминҳои Тоҷикистон, Ўзбекистон, Туркманистон ва Афғонистон шодоб мешаванд. Дар ҷараёни миёнаоби А. сохтмонҳои азими ирригационй давом дорад. С. 1962 кан. Қароқум ба номи Ленин (тўлаш 800 км) ба истифода дода шуда, оби А. то ба Ашқобод расид. Ҳамин тавр, дар воҳаҳои Мурғоб ва Тачани РСС Туркм. 170 ҳаз. га замини нав обёрй шуд. Барои обёрии заминҳои Бухоро с. 1962 кан. Аму-Қароқўл, с. 1965 кан. Аму-Бухоро сохта шуд. Оби А. ба воситаи насосҳои пуриқтидор ба системаи обёрии дашти Қаршй равон мешавад. Дар поёноби А. як қатор системаҳои ирригационй аз нав сохта шуда, васеъ гардид. Бо мақсади боз ҳам вусъат додани майдонҳои кишт дар Тахиатош ва Туямуюн сарбандҳо барпо мешавад. Аз сохтани сарбанди Туямуюн обанборе пайдо мешавад, ки ҳаҷмаш ба 9,8 млрд м³ мерасад. Дар паҳлўи сарбанд сохтмони ГЭС-и иқтидораш 200 ҳаз. кВт. соат пешбинй шудааст. А. аҳамияти нақлиётй низ дорад. Аз Тирмиз то поёноби А. киштиҳо рафтуо мекунанд. Дар ҳудуди Тоҷикистон киштй дар д. Панҷ то Панҷи Поён рафта метавонад. Қисми киштигарди дарёе (бо Панҷ) бештар аз 1400 км-ро ташкил медиҳад. Ба воситаи А. маҳсулоти саноати нефть, чўбу тахта, нуриҳои минералй, пахта ва ғ. кашонда мешавад. Муҳимтарин бандарҳои А. Тирмиз, Каркй, Чорҷўй, Нуқус ба шумор мераванд.

Дар ҳавзаи А. давлатҳои қадими Осиёи Миёна — Хоразм, Суғд ва Бохтар ҷой гирифта буданд. Тадқиқи А. асосан аз охирҳои а. 19 оғоз ёфт.

Ад.: Шульц В. А., Реки Средней Азии, 2 изд., ч. 1—2, Л., 1965; Корриев М., Ўрта Осиё дарёлари, Тошкент, 1967.

АМУ́Д (ар. عمود — сутун), 1) навъи олоти ҷангии қадима. 2) Сутуни хайма. 3) Дар математика *перпендикуляр*.

АМУНДСЕН (Amundsen) Руаль (16. 7. 1872—1928), қутбнаварди ва тадқиқотчии норвег. Бори аввал (1903—06) дар киштии «Йоа» ба воситаи гузаргоҳи Шим. Ғарбй аз Гренландия ба Аляска шино кард. Дар давоми ду сол дар ҷаз. Кинг-Вильями Арктикии Канада тадқиқоти муҳими геомагнитй гузаронд. А. с. 1904 дар нимҷаз. Бутия-Феликс Қутби магнитии шимолиро омўхт ва аввалин шуда қариб 100 ҷазираи атрофи онро ба харита дохил кард. С. 1911 бо киштии «Фрам» ба экспедицияи антарктикй баромад; сонй 14—16 дек., 1 моҳ пеш аз экспедицияи тадқиқотчии англис Р. Скотт ба Қутби ҷанубй расид ва дар бозгашт қ-кўҳи Маликаи Мўд (баландиаш 4500 м)-ро кашф намуд. Баъди аз Антарктика баргаштан А. дрейфи Ф. Нансенро такрор кардй шуда, с-ҳои 1918—20 бо киштии «Мод» аз Норвегия қад-қади материки Евросиё то гул. Беринг шино кард. А. 12—13 маи 1926 ба якумин парвози трансарктикии дирижабли «Норвегия» Шпицберген — Қутби Шимолй—Аляска роҳбарй намуд. С. 1928 ҳангоми ҷустуҷўи экспедицияи италиявии У. Нобиле дар Арктика ҳалок гардид. А. дар бораи саёҳатҳои худ якчанд асарҳо навиштааст: «Парвоз аз болои уқ. Яхбастаҳ», М., 1927 (бо ҳамроҳии Л. Эльсварт таълиф шудааст), «Экспедиция дар киштии «Мод» қад-қади соҳилҳои шимолии Осиё», М.-Л., 1929; «Қутби ҷанубй», М.-Л., 1937; Асарҳои мунтахаби 5-ҷилда, Л., 1936—39 ва «Ҳаёти ман», М., 1959 ба забони русй тарҷума шудаанд. Бахре дар наздикии Антарктида, кўҳ ва ст. қутбии америкой (Амундсен-Скотт), инчунин халиҷ дар уқ. Яхбастаи Шимолй ба номи А. гузошта шудаанд.

АМУ́Р, Купидон, дар асотири Рими Қадим худои муҳаббат. Бо қаҳрамони асотири Юнони Қадим *Эрот* айният дорад. Ниг. тасвир.

АМУ́Р (мугулй Хара-Мурэн — сиёҳдарёе), калонтарин дарёи Шарқи Дур, дар СССР ҷои 4-ум (пас аз Енисей, Обь ва Лена), дар ҷаҳон ҷои 10-умро мегирад. Аз як шудани д-ҳои Шилка ва Аргунь оғоз ёфта, ба б. Охота мерезад. Тўлаш 2824 км, аз саргаҳи Аргунь (Хайлар) 4440 км. Ҳавзаи А. дар терр. 3 давлат — СССР, Хитой ва РХМ воқеъ буда, 1855 ҳаз. км² масоҳат дорад. Қисми зиёди ҳавзаи А. дар СССР (вил-ҳои Чита, Амур ва кишв. Хабаров). Ша-

Амур.

бакаи гидрографии А. 10610 дарьё ва 61426 кӯлро дарбар мегирад. А. дар болообаш аз водии тангу чуқур бо суръат ҷорӣ гашта, баъди ҳамроҳ шудани Зея аввал ҳамвории Зея-Бурея, пас қ-кӯҳи Хингани Хурдро бурида мегузарад ва ба пастии Амури Миёна мебарояд. Дар ин ҷо ҷараёни дарьё суст ва ба шохаҳо тақсим шуда, то резишгоҳ аз водии васеъ ҷорӣ мешавад. А. ҳар қадар поёнтар равад, фарох ва бузургтар гашта, паҳноии он дар ҷараёни поёнаш то 4—6 км мерасад. Дар резишгоҳ лимани—тунукоби васеъ ба вуҷуд овардаст, ки 48 км тӯл мекашад. Қариб 80% манбаи оби А. аз боронҳои тобистону тирамоҳ аст. Баъзан дар давраи боронгарӣ А. туғён карда, аз соҳилҳо мебарояд ва бараш то ба 25 км мерасад. Давраи камобиаш—охири зимистон аст. Нояб. ях баста, яхи болообаш май ва поёнобаш апр. об мешавад.

Дарьёи Амур дар наздикиҳои ш. Николаевски Амур.

Дарьёи Амур ва кӯҳи Шаман.



Шохобҳои калонаш: Зея, Бурея, Амгунь — аз чап, Сунгари, Уссури — аз рост. Захираи энергетикии А. бузург буда, иқтидори потенциалии ҳавзаи дарьё ба 45 млн кВт ва иқтидори энергияи саноатии он ба 15 млн кВт мерасад. Аз ҷиҳати гуногунии моҳӣ (99 намуд) А. дар СССР ҷои якумро мегирад. Моҳиҳои шикорбобаш — кета, горбуша, тосмоҳӣ, лаққамоҳӣ, белугаи амурӣ ва ғ. Тамоми А. киштигард ва муҳимтарин роҳи обии Шарқи Дур мебошад. Дар соҳили А. ш-ҳои Благовещенск, Ленинское, Хабаровск, Комсомольски Амур, Николаевски Амур воқеанд. Ҳавзаи А. конҳои ангишт, тилло дорад.

АМУР, вилояти Амур. 20 окт. 1932 дар ҳайати кишв. Хабарови РСФСР ташкил шуда, аз 2 авг. 1948 вил. мустақил гардид. Дар Шарқи Дур, байни қ-кӯҳи Становой ва д. Амур воқеъ аст. Аз Ҷ. Ғ. бо Хитой ҳамсарҳад. Масоҳ. 363,7 ҳаз. км². Аҳол. 926 ҳаз. наф. (1 янв. 1977), русҳо, украинҳо, белорусҳо, дар шимоли вил. эвенкҳо, ёқутҳо. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 2,5 наф., дар Ҷ. 8—10 наф. Вил. 20 райони маъмурӣ, 9 шаҳр, 31 пгш дорад. Марказаш — ш. Благовещенск. Вил. А. 4 февр. 1967 бо ордени Ленин мукофотонида шудаст.

Қисми зиёди терр. вил. А. кӯҳсор буда, онро аз Шим. ва Ш. кӯҳҳои на он қадар баланди (то 1400—1600 м) Янкан, Тукурингра, Соктахон, Ҷагди, Турана, Селемҷа, Ям-Алин, Эзоп ва ғ. иҳота кардаанд. Қисми ҷанубиашро ҳамвории васеи Зея-Бурея ташкил медиҳад, ки дар он ⅔ аҳолӣ, 86% майдони кишт ва қариб тамоми саноати маҳсулотбарор ҷой гирифтааст. Дар А. сарватҳои зеризаминӣ (тилло, ангиштсанг, маъдани оҳан, вольфрам, никель, графит, кварцит, мис, платина, қалъагӣ, симоб, каолин) бисьёранд. Ба иқлими вил. бодҳои мавсимӣ таъсир мерасонанд. Зимистон сарди хушк ва камбарф. Ҳарор. миёнаи янв. аз—24,3° С дар Ҷ. то — 32,8° С дар Шим. Тобистон дар Ҷ. гарм ва серборишу ҳарор. миёнаи июль 21,4° С, дар Шим. 17,6° С. Боришоти миёнаи солона аз 800—900 мм дар Ш. то 456 мм дар Ғ. Дарьёи калонтарин — Амур (дар ҳудуди вил. 1246 км); шохобҳояш — Ольдой, Зея, Бурея, Архара. Заминҳои тирахоки бешагӣ ва хокаш сиёҳтоб бештаранд. 65% терр. вил-ро беша пӯшидааст. Ботлоқзор бисьёр. Дар кӯҳҳо дарахтони ҷалғӯза ва гиёҳҳои тундраи кӯҳӣ меруянд. Олами ҳайвоноти бой ва гуногун дорад. Дар кӯҳсору бешазор санҷоб, хирс, самур, оҳу, шоҳгаваэн, ҳангул, рӯбоҳ, гуроз; аз паррандаҳо — кабки сафед, чилмурғ, мурғҳои обӣ ва ғ. ҳастанд.

Дарьёҳо аз моҳиҳои калуга, амурпи сафед, карась, загорамоҳӣ, налим ва ғ. боянд. Қӯруқҳои Зея ва Хинган олами наботот ва ҳайвоноти барои Шарқи Дур хосро муҳофизат мекунанд.

Вилояти А. аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти х. қ. дар ноҳияи иқтисодии Шарқи Дур ҷои асосиро ишғол мекунад (60% тамоми майдонҳои кишт ба вил. А. рост меояд). Соҳаҳои асосии х. қ. вилоят ғаллакорӣ ва чорводорӣ барои гӯшту шир аст. 73,6% зироати соя (лӯбиёи чинӣ)-ро, ки дар мамлакат истеҳсол мешавад, вилояти А. медиҳад. Ҳар сол вилоят 76,5% ғалла (аз он 88% гандум), аз чор як қисми гӯшту шири ноҳияи иқтисодии Шарқи Дурро истеҳсол мекунад. Парвариши ҳайвоноти мӯйнаю гавазн ва дар ҷан. вилоят занбӯри асал ривоҷ ёфтааст. Соҳаҳои асосии саноат — маъдани кӯҳӣ (ангишт ва тилло), хӯрокворӣ, ҷангал, электротехникӣ, мошинсозӣ. Дар вил. А. 10 хоҷагии ҷангал, з-дҳои чӯбгарӣ ва корхонаҳои чӯбу тахта, коркарди металл, маҳсулоти х. қ., инчунин мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва ғ. мавҷуданд. Тӯли умумии р. о. 1423 км. Аз вилоят р. о.-и Транссибирь мегузарад. Як қисми р. о.-и БАМ дар ҳудуди вил. А. сохта мешавад. Тӯли роҳҳои автомобильгард 8300 км (1974). Д-ҳои Амур, Зея, Селемҷа, Бурея киштигарданд (2500 км). Байни Благовещенск ва Москва алоқаи ҳавоӣ ҳаст. Соли таҳсили 1974/75 вил. А. 711 мактаби маълумоти умумӣ, 24 мактаби миёнаи махсус, 4 мактаби олӣ (аз ҷумла ин-тҳои педагогӣ, тиббӣ ва х. қ. дар Благовещенск) дошт. 2 ин-ти тадқиқоти илмӣ, 459 китобхона, 673 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ, 2 театр, музеи кишваршиноси ва ғ. мавҷуд аст. Газетаҳои вил.: «Амурская правда» (аз 1918), «Амурский комсомолец» (аз 1953). Дар Благовещенск ва Райчихинск марказҳои телевизиони ҳаст.

Ад.: Амурская область, Благовещенск, 1974.

АМУРДОД, ниг. *Мурдод*.

АМФИБОЛИТ, ҷинси кӯҳии метаморфии тирааранг, ки асосан аз амфиболу плагиоклазҳо иборат буда, баъзан *бечуда* ҳам дорад. Навъҳои сиёхранги А. барои кошинкорӣ ва резакорӣ истифода мешавад.

АМФИБОЛҲО, гурӯҳи минералҳои ҷинсофарин — пайвастҳои силикатии магний, оҳан, кальций, гоҳо алюминий ва ишкорҳо, ки об, фтор, хлор доранд. Дар системаҳои моноклинӣ, ромбӣ кристалл мебанданд. Дар шакли кристаллҳои призма ё сӯзаншакл ва нахмонанд бештар вомехӯранд. А. сиёҳ, сабз, кабуд, бӯр ва беранг шуда метавонанд. Сахтиашон 5,0—6,0; зичиашон 2800—3600 кг/м³. Аксар ба таркиби ҷинсҳои метаморфӣ (амфиболит) ва фишонда (габрро, диорит) дохил мешаванд. Ба А. минералҳои тремолит, актинолит, глаукофан, арфведсонит, антофиллит ва ғ. мансубанд. Хелҳои маҳиннахи А.— амфибол-асбестро (ниг. *Асбест*) ҳамчун масолеҳи гармию кислотатобовар ба кор мебаранд.

АМФИКТИОНИЯ (юн. Amphiktionia, аз amphiktiones — сокинони вилоятҳои атроф), иттифоқи диниюсиёсии қабила ва шаҳрҳо дар Юнони Қадим, ки мақсади он дар атрофи як маъбади умумӣ муттаҳид кардани аъзоён, бо роҳи осоишта ҳал кардани ихтилофҳои байни онҳо, муҳофизат ва сарфаю сариштани даромадҳо буд. А. дар замони демократияи ҳарбӣ ба вуҷуд омад. Дар таърих А.-ҳои зиёде маълуманд, ки дар корҳои байналхалқии юниниён таъсири калон доштанд. Баъди Юнонро забт кардани римиҳо (146 то м.) А. барҳам хӯрд.

АМФИТЕАТР (аз юн. amphitheatron), 1) дар Юнон ва Рими Қадим иншооти азим барои тамошои умумӣ: ҷанги гладиаторҳо ва ҳайвоноти ваҳшӣ, намоиши театрӣ. А. сохтмони бузурги эллипсмонандест, ки дар мобайн саҳна дорад, дар атрофи он ҷойҳои тамошобинон зина-зина баланд шуда мераванд. А. қисман дар Рим (Колизей), дар Верона ва диг. шаҳрҳои Империяи Рим боқӣ мондааст. 2) Дар театрҳои ҳозира А. ҷоест, ки пас аз партер зина-зина баланд шуда меравад.

АМФОТЕРИЯТ (юн. amphóteros — ҳам ину ҳам он), хусусияти баъзе моддаҳо (амфолитҳо), ки вобаста ба муҳит хосияти кислота ё асосро зоҳир мекунанд. Мас., гидрооксиди алюминий, рух, хром ва баъзе диг. элементҳо. $Al(OH)_3$ дар маҳлули обӣ дутарафа диссоциация мешавад:

$$Al(OH)_3 \rightleftharpoons Al^{3+} + 3OH^-;$$
$$Al(OH)_3 \rightleftharpoons H_2O + HAlO_2 \rightleftharpoons H_2O;$$
$$H^+ + AlO_2^-.$$

Бо кислота диссоциацияи типи аввал чун асос, бо асосҳои як қадар собит диссоциацияи типи дуюм чун кислота бартарӣ дорад:

$$Al(OH)_3 + 3HCl \rightleftharpoons AlCl_3 + 3H_2O;$$
$$Al(OH)_3 + NaOH \rightleftharpoons NaAlO_2 + 2H_2O.$$

Об пайвасти амфотерии типӣ аст: $H_2O \rightleftharpoons H^+ + OH^-$. Дарачаи А.-и гидратсиди ба мавқеи элемент дар системаи даврии элементҳои Менделеев вобаста мебошад. А.-и бештари пайвастҳоро дар таҳлили химиявӣ истифода мебаранд.

АМЪАҚӢ БУХОРОӢ عمعق بخارائی Абунаҷиб Шиҳобуддин (с. тав. номаълум — ваф. такр. 1149), шоири форс-тоҷик. Пас аз хатми таҳсил аз Бухоро ба Самарқанд рафта, ба дарбори оли Афросиёб (Қарахониён) наздик шуд ва дар замони Хизрхони Иброҳим ба мақоми маликушшуарой расид. А. Б. бештар аз сад сол умр дидааст. Аз ӯ девони комиле боқӣ намондааст. Дар девоне, ки Санди Нафисӣ мураттаб сохтааст, бештар қасида, марсия, ҳаҷвия ва 18 рубоӣ дохил шудааст. Аммо ин девон комил нест. Дар Теҳрон ду дастхати осори шоир мавҷуд аст, ки аз назари тадқиқи Нафисӣ берун мондааст. Тазкиранависон таълифи маснавии «Юсуфу Зулайхо»-ро низ ба А. Б. нисбат медиҳанд, ки ба ду баҳр хонда мешудааст. Дониши фаровоне, ки А. Б. дар ҷавонӣ фаро гирифта буд, дар ашъораш хуб таъсир гузоштааст: дар суханварӣ, овардани ташбеҳоти нозук ва ибороти мавзун маҳорати баланд доштааст. А. Б. шоири мадеҳасаро бошад ҳам, дар баъзе аз ашъораш мазмунҳои иҷтимоӣ ва шикояти замон мушоҳида мешавад.

Ас: دیوان شهاب‌الدین عمعق بخارائی، تبریز، ۱۳۰۷ ه. ش.؛ عمعق بخارائی، دیوان، تهران، ۱۳۳۷ ه. ش.

Ад.: Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы. М., 1960. صدرالدین عینی، نمونهٔ ادبیات تاجیک، مسکو، ۱۹۲۶.

К. Айнӣ.

АНАБА́Р (дар болообаш Куонамкаи Калон), дарьё дар РАСС Ёкут. Аз пуштакӯҳи Анабар (паҳнкӯҳи Сибири Миёна) сар шуда, ба б. Лаптевҳо мерезад. Тӯлаш 939 км. Масоҳ. ҳавзааш 100 ҳаз. км². Дар пастии Сибири Шим. водии дарьё хеле васеъ мешавад. Манбаи обаш — барфу борон. Охири сент. ях баста, аввали июнь яхаш об мешавад. Шохобҳои асосиаш: Куонамкаи Хурд, Уҷа, Уэле, Суолама, Харабыл. Дар ҳавзаи А. кӯлҳо бисьёранд; конҳои алмос мавҷуданд.

АНАБИО́З (юн. anabiosis — ҷоннок шудан, аз ana — аз нав ва bios — ҳаёт), ҳолати организм, ки дар натиҷаи он процессҳои ҳаёт муваққатан қатъ ё нисбатан суст мегардад. А. ба аксари микроорганизмҳо (мас., ба бактерияҳои спораҳосилкунанда ва занбӯруғҳои микроскопӣ), спора ва тухми бештари растаниҳо, ба қисми зиёди бемӯҳраҳо ва баъзе мӯҳрадорон (обхокиҳо ва хазандаҳо) хос буда, ҳангоми номусоидии шароити ҳаёт (хеле гарм ё хунук будани ҳаво, нарасидани намӣ ва ғ.) ба вуҷуд меояд. Баробари фаро расидани шароити мусоид фаъолияти ҳаётии организмҳо барқарор мегардад — ҷон мегирад. Аз ин рӯ, А. мутобиқати биологии организм ба шароити номусоиди беруниӣ буда, дар процесси таҳаввул ба вуқӯъ меояд. А. дар тиб (барои тайёр кардани вакцинаҳои хушки зинда, амалиётҳои нейрохирургӣ), фатҳи фазои кайҳон, чорводорӣ ва ғ. аҳамияти калон дорад.

АНА́ДЫРЬ, дарьё дар округи автон. Чукот, вил. Магадани РСФСР. Тӯлаш 1150 км, масоҳ. ҳавзааш 191 000 км². Аз паҳнкӯҳи Анадырь сар шуда, ба хал. Онемени б. Беринг мерезад. Дар резишгоҳ паҳнии дарьё то 6—7 км мерасад. Шохобҳои асосиаш: Яблон, Еропол, Майн — аз рост, Чинейвеем, Белая, Танюрер—аз чап.

Манбааш — барфу борон. Аз окт. то аввали июнь ях мебандад. То деҳаи Марково киштигард. Дар поёнобаш моҳӣ медоранд. Дар ҳавзаи А. ангиштсанг истеҳсол мекунанд.

АНАДЫРЬ (то с. 1920 Ново-Мариинск), шаҳр дар соҳили хал. Анадыри б. Беринг, маркази округи автон. Чукот, вил. Магадани РСФСР. Аҳол. 9,7 ҳаз. наф. (1974). Бо ш-ҳои Петропавловски Камчатка, Владивосток, Магадан ва маҳалҳои аҳолинишини округи автон. Чукот алоқаи баҳрӣ ва бо ш-ҳои Москва, Хабаровск, Магадан алоқаи ҳавоӣ дорад. Саноаташ: з-ди моҳӣ; истеҳсоли ангишт. Музеи кишваршиносӣ, омӯзишгоҳи педагогӣ, маркази телевизион мавҷуд аст.

АНАЛИЗАТОРҲО дар биология, системаҳои мураккаби анатомию физиологӣ, ки дарк ва таҳлили ҳама гуна ангезаҳои ба ҳайвон ва одам таъсиррасонро таъмин мекунанд. Мафҳуми А.-ро с. 1909 физиологи рус И. П. *Павлов* ба илм дохил намудааст. Ҳар як анализатор аз се қисм иборат аст: 1) аппаратҳои қабули таъсир (рецепторҳо) — ҳаммаи узвҳои ҳис (сомеа, босира, ломиса, шомма, зоиқа) ва ҷузъҳои рецептории махсус дар узв, бофта, банд, раг ва мушакҳо. Барои асбобҳои рецепторӣ бинобар сохти махсус доштанашон ба намудҳои муайяни таъсири ангезаҳо мутобиқат карда тавонистан (дар чашм ба таъсири рӯшной, дар гӯш ба таъсири овоз, дар пӯст ба таъсири ҳарорат ва таъсироти механикӣ) ва ниҳоят ҳассосӣ хос аст; 2) қисми ноқил — торҳои асабе, ки таъсири дар рецепторҳо қабулшударо дар шакли ангехта ба системаи асаби марказӣ мегузаронад; 3) марказҳои олӣ, ки дар қишри мағзи сар ҷойгир шуда, рӯшной, овоз, бӯй ва монанди инҳоро қабул мекунанд ва дар онҳо ҳаяҷони асаб ба ҳис табдил меёбад. Ба воситаи А. ҳайвон таъсироти фоиданок ва зарарнокро фарқ карда, ба муҳити берунӣ, дарунӣ ва шароити ҳаёт хубтар мутобиқат мекунад. А. барои одам, ки шуурнок аст, бештар аҳамият доранд.

АНАЛО́ГИЯ (юн. analogia — шабоҳат, монандӣ), монандии ҳодиса ва предметҳо аз рӯи ягон хусусияташон, хулосабарорӣ дар бораи хусусиятҳои як предмет дар асоси шабоҳати вай бо предмети дигар, чунончӣ: предмети А. дорои нишонаҳои а, б, в, х буда, предмети В дорои нишонаҳои а, б, в аст, пас, хулоса мебарояд, ки предмети В эҳтимол дорои нишонаи х бошад. Ин хулосабарориро аз рӯи шабоҳат бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$\frac{\begin{array}{c}A — а, б, в, х.\\ B — а, б, в.\end{array}}{B = х.}$$

Вале хулосабарорӣ аз рӯи А. ҳам ба хулосаи ҳақиқӣ ва ҳам ба хулосаи хато оварда метавонад, зеро ки ашьёи муқоисашаванда байни худ на фақат монандӣ, балки фарқ ҳам доранд. Бинобар ин нишонаи х мумкин чунин нишонае бошад, ки бо он предмети А аз предмети В фарқ мекунад. Дар ин маврид хулосаи зикршуда дурӯғ мебарояд. Дараҷаи эҳтимолияти хулоса аз рӯи А.-асосан ба шартҳои зерин вобастааст: 1) Асоси хулоса аз рӯи А. бояд нишонаҳои муҳимми ашьёи муқоисашаванда бошанд, на хосияту нишонаҳои рӯякию тасодуфии онҳо. 2) Ҳар қадар ки нишонаҳои монанди ашьё бисьёр бошанд, дараҷаи эътибори хулоса ҳамон андоза зиёдтар аст. Аммо хулосабарорӣ аз рӯи А. хулосаи комилан боэътибор ҳам буда метавонад. А. ҳамчун шакли хулосабарорӣ дар тадқиқоти илмӣ ва зиндагии ҳаррӯза хеле васеъ ба кор бурда мешавад.

Дар осори фалсафӣ ва мантиқии мутафаккирони тоҷик (Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва г.) А. тамсил номида шудааст. «Ва тамсил... ҳукм аст бар чизе монанди он ки бар шабеҳаш карда бошанд ба сабаби мушобеҳат ва онро қиёси фиқҳӣ хонанд, чӣ аксари фуқаҳо ба кор доранд» (Насируддини Тӯсӣ, Асос-ул-иқтибос, Теҳрон, 1326, саҳ. 333).

М. Болтаев.

АНАНДАВАРДҲА́НА, адабиётшиноси а. 9 ҳинд. Муаллифи «Дҳваньялока» — рисолаест доир ба моҳияти таъсири эстетикии осори адабиёт. А. дар ин асар назарияи дҳваниро ҳарҷониба шарҳ додааст. Мувофиқи ин назария моҳияти эстетикии шеър на дар худи образҳои он, балки дар силсилаи афкору тасаввуроте нуҳуфта будааст, ки образҳо дар замири хонанда бармеангезанд.

АНА́ПА, шаҳр дар кишв. Краснодари РСФСР, соҳили Баҳри Сиёҳ. Курорти иқлимӣ, асосан барои табобати бачагон. Аҳол. 30 ҳаз. наф. (1974). Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва сабук дорад. Дар ноҳияи А. токдорӣ ва винокашӣ ривоҷ ёфтааст. Иқлимаш мӯътадил — зимистон нарм, тобистон гарм. Касалиҳои шуш, системаи асаб, камхунӣ ва г. табобат мешаванд. Дар А. санаторияҳо, хонаҳои истироҳат, пансионати модарону кӯдакон мавҷуданд. А. аз с. 1846 — шаҳр, аз 1866 курорт. Техникуми х. қ., Музеи кишваршиносӣ дорад.

АНАРХИ́ЗМ (юн. anarchia — бесарӣ, беҳокимиятӣ), равияи ҷамъиятию сиёсии майдабуржуазӣ, ки ба ҳама гуна ҳокимият ва давлат, аз ҷумла ба диктатураи пролетариат душманӣ дошта, моликияти хусусии майда ва хоҷагии майдаи деҳқониро ба тараққиёти ҷамъиятпе, ки ба истеҳсолоти калон асос ёфтааст, мухолиф мегузорад. Асоси фалсафии А. *индивидуализм, субъективизм, волюнтаризм* мебошад. А. с-ҳои 40—70 а. 19 ба вуҷуд омада, дар Франция, Италия ва Испания бештар интишор ёфт. Пайдоиши А. бо номи Шмидт (Штирнер), Прудон, Бакунин, ки назарияҳои хаёлии онҳо дар асарҳои К. Маркс ва Ф. Энгельс сахт танқид шудааанд, алоқаманд аст. А. бо гапҳои умумии зидди истисмор маҳдуд шуда, муборизаи синфии меҳнаткашонро ҳамчун қувваи эҷодии барпокунандаи социализм намефаҳмид. А. муборизаи сиёсиро инкор карда, синфи коргарро ба сиёсати буржуазия тобеъ кунонданӣ мешавад. Анархистон фавраи маҳв кардани давлатро талаб намуда, имконияти истифодаи давлати буржуазиро барои ба революция тайёр кардани пролетариат рад мекунанд. А. дар Россия дар охири с-ҳои 60 — ибтидои 70 а. 19 пайдо шуда, дар нимаи с-ҳои 1920 барҳам хӯрд. Дар замони ҳозира А. дар Испания, Италия ва баъзе мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ нуфузи зиёд дорад.

АНА́РХИЯИ ИСТЕҲСОЛО́Т, стихиявӣ, беплан ва номуташаккил тараққӣ кардани хоҷагии халқ. Дар шароити ҳама гуна истеҳсолоти молие, ки ба моликияти хусусӣ асос ёфтааст, анархия рӯй медиҳад. Дар вазъияте, ки воситаҳои истеҳсолот мулки хусусианд, хоҷагии молӣ наметавонад эҳтиёҷоти ҷамъиятро пешакӣ ба ҳисоб гирад, бинобар ин кори худро дар зери таъсири талаботи стихиявии бозор ва пасту баланд шудани нарх, дар муборизаи тезу тунди раҷобатнок пеш мебарад. А. и. *қонуни иқтисодии капитализм* аст, бинобар он бошууропа муайян кардани таносубҳои хоҷагӣ дар шароити капитализм имконнопазир мебошад. Дар давраи империализм А. и. зиддияти асосии капитализмро боз ҳам тезу тунд мегардонад.

АНАРХО-СИНДИКАЛИ́ЗМ, ҷараёни оппортунистӣ дар ҳаракати коргарист, ки дар зери таъсири идеология ва сиёсати анархизм мебошад. А. охири а. 19 ба вуҷуд омада, аввали а. 20 дар Франция, Италия, Испания, Швейцария ва давлатҳои Америкаи Лотинӣ бағоят инкишоф ёфт. Анархо-синдикалистҳо зарурати муборизаи сиёсӣ ва партияҳои мустақили сиёсии коргарон ва муборизаро барои диктатураи пролетариат инкор мекунанд. Мақсади онҳо табаддулоти иҷтимоие буд, ки онро бояд синдикатҳо (иттифоқҳои касаба) ташкил мекарданд. В. И. Ленин А.-ро «бародари айнии оппортунизм» номидааст. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ унсурҳои анархо-синдикалистӣ иттифоқҳои касабаро ба Партияи Коммунистӣ муқобил мегузоштанд. Бинобар ин Съезди 10 РКП(б) (марти 1921) равияи анархо-синдикалистиро ҳамчун равияи ба большевизм бегона маҳкум кард. Идеяҳои А.-ро ҳолоҳам ревизионизми буржуазӣ истифода мебарад.

АНАСТОМО́З (юн. anastómosis — сӯрохӣ, баромадгоҳ), васлшавии бай-

ниҳамдигарии як раги хун ба дигараш ё ки ягон тори асаб ба тори асаби дигар. Дар ҷарроҳӣ ягон аъзои дарунхолиро бурида ба дуюмаш пайванд кардан. Мас., А.-и меъдаю рӯдаи борик ва г.

АНАТОКСИН, токсоид (аз юн. anā — зид ва toxikón — заҳр), моддаи аз ҷиҳати биологӣ фаъол ва безарар, ки дар натичаи бо формалин дар ҳарор. 37—40° С безаҳр намудани токсин (усули Рамон) ё бо диг. усулҳо ҳосил мекунанд. Таҳвияти додани масуният (иммунитет) муҳимтарин хосияти А. мебошад. А. барои ҳосил кардани доруҳое, ки дар пешгирӣ ва табобати беморихои сироятӣ (ханнок, кузоз ва г.) ба кор меоянд, истифода мешаванд.

АНАТО́ЛИЯ (турк. Anadolu аз юн. Anatole — шарқ), қисми асосии Туркия, ки дар нимҷаз. Осиёи Хурд воқеъ аст. А. аз қадим (тақр. аз а. 5—4 то м.) номи Осиёи Хурд аст. Дар *Империяи Усмония* вилояте, ки марказаш Кютаҳья буд, А. (Anadolu) ном дошта, қисми шим. ғарбии Осиёи Хурдро дарбар мегирифт. Аз с-хои 20 а. 20 тамоми қисми осиёии Туркия А. ном гирифт.

АНАТО́МИЯ (юн. anatome — чок кардан), илмест дар бораи шакл ва сохти узвҳои алоҳида, система ва организми том; як қисми морфология (ниг. *Морфологияи ҳайвонот, Морфологияи растанӣ*). А. ба А.-и ҳайвонот (зоотомия) ва *анатомияи растанӣ* (фитотомия) ҷудо мешавад. А.-и одам (антропотомия)-ро аз А.-и ҳайвонот ҷудо карда, бештар бо истилоҳи «А.» номбар мекунанд. Усули асосии А. чок кардан аст.

А.-и одам. Оид ба А.-и одам маълумоти кофӣ дар асарҳои олимони қадим: Арасту, Букрот, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Леонардо да Винчи, Андрей Везалий ва диг. дучор мешавад. Равнаки А.-и Шарқ бештар ба фаъолияти эҷодии Ибни Сино вобаста аст. Асарҳои безаволи ӯ оид ба А.-и одам асрҳои аср сарчашмаи асосии маълумоти ин соҳа будаанд. Дар «Ал-Қонун»-и ӯ оид ба А.-и одам маълумоти знёде мавҷуд аст. Минбаъд А. бо «таълимоти таҳаввул»-и Ч. Дарвин, асарҳои Ф. Энгельс ва тадқиқоти тиббӣ хеле пурра гардид.

Дар а. 18 аввалин олимон А. П. Протасов, М. И. Шеин, сонитар Н. М. Амбодик-Максимович ба асосҳои истилоҳоти анатомияи рус, Н. И. Пирогов ба А.-и топографӣ, П. Ф. Лесгафт ба А.-и функционалӣ замина гузоштанд. Минбаъд А.-ро дар СССР В. П. Воробьев, В. Н. Тонков, В. Н. Терновский, Д. А. Жданов, М. Г. Привес ва диг. ривоҷ доданд. А. равнаҚ ёфта, ба якчанд фаслҳо ҷудо шуд: остеология (устухоншиносӣ), синдесмология ва артрология (илми банду бастаи устухону рибот), миология (мушакшиносӣ), ангиология (рагшиносӣ), неврология (асабшиносӣ) ва эстезиология (таълимот дар бораи аъзои ҳис). А.-и узвҳои дарунро спланхнология меомӯзад. Таълимот дар бораи сохти системаи эндокринӣ (ғадудҳои дохилусора) фасли муҳим ва баравнаки А. аст. Ҳамаи фаслҳои номбурдаро А.-и систематикӣ ё тавсифӣ муттаҳид мекунад. Тавсифи ҷойгиршавӣ ва шакли узвҳоро дар қисмҳои бадан, алоқамандона ба ҳамдигар ҷойгиршавӣ ва вобастагии онҳоро ба рагҳои хуну асабҳои ҳамшафат А.-и топографӣ меомӯзад, ки хусусан барои ҷарроҳӣ аҳамияти амалӣ дорад. Асосгузори мактаби ватании А.-и топографӣ Н. И. Пирогов аст. Сохти организмҳои ба чашм ноаён ва нафиси аъзоро А.-и микроскопӣ меомӯзад. Алоқамандии хусусият, сохт ва шаклгирии узв ва системаи организми одамро дар процесси инкишофи фардӣ А.-и функционалӣ меомӯзад, ки фасли махсуси он А.-и экспериментали мебошад. Хусусиятҳои шакли берунии бадани одам ва таносуби онро А.-и пластикӣ меомӯзад, ки барои санъати тасвирӣ аҳамияти амалӣ дорад. А.-и патологӣ (маразӣ) дигаргуниҳои сохти узв ва бофтаҳои организми одамро, ки аз инкишофи беморӣ бармеояд, тадқиқ мекунад. Давраҳои асосии таҳаввули организми одам ва ҳайвонро А.-и муқоисавӣ меомӯзад. Ниг. низ *Одам*.

Дар СССР аз с. 1922 анатомҳо дар Ҷамъияти илмии умумииттифоқии анатому гистолог ва эмбриологҳо муттаҳиданд.

Ташкилоти байналхалқӣ—Федерацияи интернационалии анатомҳо аз с. 1905 сар карда, Конгрессҳои байналхалқии федеративӣ мегузаронад. Иттиҳодияҳои миллии анатомҳои якчанд мамлакат съезд, конференция ва симпозиумҳо ташкил мекунанд. Дар СССР съезди анатом, гистолог ва эмбриологҳо, дар РДГ анҷумани анатомҳо, дар Булғория конференцияи анатом ва гистологҳо гузаронда мешавад.

Дар РСС Тоҷ. А. бо ташкили кафедраи анатомияи Ин-ти давлатии тиббӣ (1939) тараққӣ кард. Ҳоло кафедраҳои анатомия ва физиологияи Ун-ти давлатии Тоҷикистон, Ин-ти давлатии педагогии Душанбе, Ин-ти давлатии педагогии Ленинобод ва Ин-ти тарбияи ҷисмонӣ оид ба сохаҳои мухталифи А. тадқиқот мегузаронанд. Олимони ин соҳа дар Тоҷикистон ба ҳалли проблемаҳои таъсири омилҳои гуногуни муҳит ба сохт ва шакли бофтаю узвҳои бадан дар вақти беморихои аъзои хозима, ҷигар, дилу рагҳо, лимфа ва г. дар шароити баландкӯҳ машғуланд. Анатомҳои Тоҷикистон дар Ҷамъияти илмии анатомҳои Тоҷикистон муттаҳид шудаанд. С. 1968 дар Душанбе конференцияи дуюми илмии морфологҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон шуда гузашт.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 64—65.

Ад.: Тонков В. Н., Учебник нормальной анатомии человека, 6 изд., Л., 1962.

Я. А. Раҳимов.

АНАТО́МИЯИ МУҚОИСАВИИ ҲАЙВОНО́Т, илме, ки сохти бадан ва узвҳои гуруҳҳои гуногуни систематикии ҳайвонот, шабоҳати морфологӣ ва асосии пайдоиши умумии онҳоро меомӯзад; яке аз фаслҳои *морфологияи ҳайвонот*. А. м. ҳ. якҷоя бо физиологияи таҳаввулӣ ва биохимия сохт, вазифа ва инкишофи физиологияи бадани ҳайвонотро таҳлил карда, тибби назариявию клиникӣ ва зоотехнияро аз ҷиҳати биологӣ асоснок мекунад. Тағйири сохти узвҳои шабеҳи (гомологи) ҳайвонҳои гуногун мавзӯи асосии А. м. ҳ. мебошад. Усули асосии тадқиқоти А. м. ҳ. муқоиса буда, он имконият медиҳад, ки дараҷаи монандии байни узвҳои ҳайвонҳои гуногунро муқаррар карда, зина ба зина тағйир ёфтани онҳо муайян ва мушоҳида карда шавад. Дар А. м. ҳ. таърихи организмҳо барои донистани тағйири тадриҷии шакл ҳам аҳамияти калон дорад. А. м. ҳ. инкишофъёбии таърихӣ (филогенез), вобастагии байни ҳамдигарии узвҳоро дар процесс ва тағйирёбиҳои филогенезӣ, ки ҳангоми таҳаввули организмҳо ба вуҚӯъ меояд, низ меомӯзад. А. м. ҳ.-и мӯҳрадор ва бемӯҳраро аз ҳам фарқ мекунанд. А. м. ҳ. дар замонҳои қадим пайдо шудааст. Арасту (а. 4 то м.) дар омӯхтани ҳайвонҳо усули муқоисаро истифода карда буд. Илми анатомия дар бадали як чанд садсолаҳо тараққӣ кард. Дар вусъати он олими франсавӣ Жоффруа Сент-Илер саҳми босазо гузошт. Ж. Кювье А. м. ҳ.-ро то ба дараҷаи илми махсус расонд. Дар эмбриологияи муқоисавӣ саҳми олими рус К. Бэр ҷолиби диққат аст. Китоби Ч. Дарвин «Пайдоиши намудҳо» (1859) ва ҷоришавии ғояҳои назарияи таҳаввул дар биология ба А. м. ҳ. таъсири махсус бахшид. Асосгузори равияи филогенезӣ олими немис К. Гегенбаур мафҳуми асосии А. м. ҳ.— мафҳуми гомологиро кушода дод. Дар вусъати А. м. ҳ. асарҳои олимони рус — материалистҳо И. И. Мечников ва А. О. Ковалевский аҳамияти хеле калон доштанд. А. Н. Северцов морфологияи таҳаввулиро ба вуҷуд овард. Ба инкишофи А. м. ҳ. асарҳои олими советӣ И. И. Шмальгаузен кӯмак расонд. Дар СССР оид ба А. м. ҳ. Ин-ти морфологияи таҳаввулӣ ва экологияи ҳайвоноти АФ СССР, Ин-ти биологияи инкишофи АФ СССР ва г. тадқиқот мебаранд.

АНАТО́МИЯИ РАСТАНӢ, фасли *ботаника* буда, сохти дарунии растаниро меомӯзад. А. р. *бо физиологияи растанӣ* алоқаи зич дорад. Аз

А. р. илми махсус—*цитология* ба вуҷуд омадааст.

Пайдоиш ва ривоҷи А. р. бо ихтироъ ва такмили микроскоп алоқаманд аст. Физики англис Р. Гук с. 1665 дар зери микроскопи такмилдодааш пардаи тунуки пӯк ва чӯби растаниҳои гуногунро таҳқиқ карда, муқаррар намуд, ки онҳо сохти ҳуҷайравӣ доранд. Вале асосгузорони А. р. биологи италиявӣ М. Мальпиги ва ботаники англис Н. Грю (а. 17) ҳисоб мешаванд. Минбаъд А. р. дар аввали а. 19 равнақ ёфт. Ф. Б. Мирбель (ботаник, цитолог ва эмбриологи франсавӣ), Л. Х. Тревиранус, Я. Мольденҳавер (ботаникҳои немис) ва диг. ҳуҷайра ва найчаҳои бофтаи растаниро омӯхта, ба А. р. маълумоти нав илова намуданд. Р. Броун (ботаники англис), Ҷ. Б. Амичи (ботаники италиявӣ), К. Негели, Х. Моль (ботаникҳои немис), Ф. Унгер (ботаники австрияғӣ), С. П. Костычев, В. В. Заленский, В. Ф. Раздорский, В. Г. Александров, О. Н. Радкевич (ботаникҳои рус) дар ин давра бо асарҳои худ ба омӯзиши А. р. саҳми босазо гузоштанд.

Дар заминаи тадқиқоти ин олимон ва як зумра диг. муҳаққиқони ҷаҳонӣ соҳаҳои дигари А. р. ривоҷ ёфтанд. Алоқаи байни сохти растаниҳо ва процессҳоеро, ки дар онҳо ба вуҷуд меоянд, А.-и физиологии растанӣ, ба сохти растанӣ таъсир кардани муҳитро анатомияи экологии растанӣ, ба сохти растанӣ таъсир кардани омилҳои касалиоварро А.-и патологии растанӣ, муқоисаи намуд, авлод, оила ва ғ.-ро А.-и муқоисавии растанӣ барин фаслҳои А. р. тадқиқ менамоянд.

Дар ривоҷи А. р. усулҳои нави тадқиқот: кор фармудани нурҳои ультрабунафш, усулҳои поляризационӣ, люминесценти, гистохимияви, ва ғ. фаровон истифода мешаванд. Тадқиқоти А. р. дар ҳалли масъалаи пайдоиши растанӣ, таъсири муҳит ба растаниҳои х. қ. ва диг. соҳаҳои илм аҳамият дорад. Бо ёрии А. р. масъалаҳои муҳимми биологию агрономӣ ва техникию саноатӣ ҳал мешаванд.

Дар РСС Тоҷ. оид ба А. р. дар Ин-ти ботаникаи ордени Байраки Сурхи Меҳнатдор, дар Ин-ти биологияи Помири АФ РСС Тоҷ. ва дар донишкадаҳои олӣ тадқиқоти илмӣ давом дорад. Ба муносибати кушодани заминҳои нав ва истифодаи сарватҳои растанӣ омӯзиши масъалаҳои экологию физиологӣ, муқаррар намудани қонунияти тағьири структураи анатомӣ бо таъсири омилҳои гуногун ва мутобиқати растанӣ ба муҳит дар маркази диққати ботаникҳои тоҷик менстад.

Ад.: Развитие биологии в СССР. М., 1967. *А. А. Ашӯров, А. Ғаниев.*

АНАТУРӮШ (Анатуруши Боло ва Поён), деҳа дар С. қ. Янгибозори р-ни Орҷоникидзеободи РСС Тоҷ., терр. к-зи «Коммунизм». Аз А. то маркази район 6 км. Аҳол. 1203 наф. (1976), тоҷикон, ӯзбекҳо. Мактаби миёна ва 8-сола, пункти тиббӣ, меҳмонхона, сартарошхона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ—пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд. Дар терр. к-з чашмаи минералии *Андигон* воқеъ аст.

АНАФИЛАКСИЯ (аз юн. ana- —аз нав ва aphylaxia — беҳимоятӣ), процесси паталогие, ки дар натиҷаи ба мақсади муолиҷа ё пешгирӣ кардани касалӣ ба организм фиристодани моддаҳои ғайр, махсусан *антигенҳо* (анафилактогенҳо), рӯй медиҳад; яке аз шаклҳои *аллергия*. Баъди инъекцияи якуми зардоби хун дар организм ба муқобили анафилактоген античисм ҳосил шуда, организм нисбат ба он ҳассос мешавад. Инъекцияи такрори ҳамон анафилактоген А. (сактаи анафилакси)-ро ба вуҷуд меорад. Сактаи анафилаксӣ бо паст шудани фишори хун, номураттабии кори дил, ангезиш ва сипас харобии системаи асаби марказӣ ва ғ. зоҳир мегардад. Барои пешгирии А. зардоби хунро аввал 0,5—1 мл инъекция карда, боқимондаи дозаро баъди 2 соат мегузаронанд. Барои муолиҷаи А. адреналин, эфедрин, дорухои гормонӣ ва ғ.-ро истифода мебаранд.

АНАЭРОБҲО, организмҳои анаэроб, анаэробионтҳо, аноксибионтҳо (аз юн. an — ҳиссачаи инкорӣ ва *аэробҳо*), организмҳое, ки дар шароити набудани оксигени озод зиста ривоҷ меёбанд ва барои фаъолияти ҳаётиашон аз таҷзия кардани моддаҳои органикӣ ва ноорганикӣ энергия мегиранд. Истилоҳи «А.»-ро Л. *Пастер* ҷорӣ кардааст. А. дар табиат бисьёранд ва дар мубодилаи модда роли муҳим мебозанд. А. ду хеланд: А.-и облигатӣ (ҳатмӣ) — организмҳое, ки фақат дар шароити тамоман набудани оксиген нағз ривоҷ меёбанд ва А.-и факультативӣ (шартӣ)—организмҳое, ки дар шароити ҳам оксигендор, ҳам беоксиген инкишоф ёфта метавонанд.

Навъҳои нашвии А.-и облигатӣ дар ҷойҳои оксигендор ҳамоно нобуд мешаванд, аммо спораҳояшон ба оксиген тобоваранд. Ба онҳо микроби кузоз, окила (гангрена)-и газӣ, баъзе стрептококкҳо ва диг. микробҳои касалиовар, инчунин бифидобактерияҳое, ки дар рӯдаи одам ва ҳайвонот ҳаёт мегузаронанд, мансубанд. Ба А.-и факультативӣ микроорганизмҳо (хамирмоя, коккҳои фасодовар, микроби тифи шикамӣ ва ғ.) ва инчунин баъзе ҷонзотҳои соддатарин ва бисьёрҳуҷайра—баъзе патакчаҳо, лӯндакирмҳо, паҳнкирмҳо ва ғ. мансубанд.

АНАҲӢТО, ноҳид (ناهید), дар дини зардуштӣ олиҳаи обу ободонӣ ва фаровонист, ки парастиши он дар аҳди Ардашери II (405—359 то м.) расм шуд. Деҳқонони қадим бориш ва серҳосилиро мӯъҷизаи А. меписиндоштанд. Яшти панҷуми Авесто ба А. бахшида шудааст. Ҳайкалтарошони қадим А.-ро ба сурати зане тасвир намудаанд, ки дар даст анор ё себ дорад. Дар байни бозьёфтҳои бостонӣ ҳайкали сафолини А. бештар дучор мешавад. Дар Бохтар ибодатхонаи машҳури А. мавҷуд буд, ки ҳангоми хуҷуми Искандари Мақдунӣ ё Селевки I хароб шудааст. Дар замони юнону бохтар образи қадими А. бо образҳои асотирии юнонӣ — *Артемида* ва Кибела омезиш ёфт. Тасвири А.— Артемида дар тангаҳои Деметрий Полиокоет (337—283 то м.) акс шудааст.

Ад.: Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972.

АНБА (Mangifera), авлоди дарахтони ҳамешасабз, мансуби *тагумиҳо*. Тақрибан 40 навъаш дар Осиё ва Африка паҳн шудааст. А.-и ҳиндӣ муҳимтарин дарахти ҳосилдеҳи тропика ба ҳисоб меравад. А. дарахти сершоху барг буда, баландиаш аз 10 то 45 м аст. Баргаш тасмашакл ё эллипсӣ, бӯяш чун бӯи зифт; гулаш тӯпаки ҷорӯбӣ, меваш донакдор, сершира, хушбӯй, нордон ё ширин.

Mangifera indica: 1 — шохчаи гулдор; 2—гул; 3—мева.

АНБАР عنبر Мулло Муҳаммадшарифи Бухорой (с. тав. помаълум — ваф. 1914, Бухоро), шоири тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти адабиаш дар Бухоро гузаштааст. А. чун падару бобоёнаш ба атторӣ машғул будааст ва «Анбар» тахаллус гирифтанаш аз ин ҷост. Ӯ бевосита дар хизмати дарбор набуд, вале гоҳо ба амир ва дарбориён мадҳия мефиристод. Чунончи ба муносибати аз сафари Россия бargштани амир Абдулаҳад (1885—1910) мадҳияе навишта будааст. Аммо А. асосан қитъаи таърих ва муаммо менавишт, ки ҳамаи тазкиранависони охири а. 19 ва аввали а. 20 шӯҳрати ӯро дар ин соҳа қайд кардаанд. Назар ба гуфтаи С. Айнӣ, ҳеҷ воқеа ва ҳодисаи замон набудааст, ки А. таърих нагуфта бошад, вале на ҳамаи он дилчасп аст.

Ад.: Хадизаде Р., Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века, Сталинабад, 1958.
صدرالدین عینی، نمونهٔ ادبیات تاجیک، مسکو، ۱۹۲۶

Т. Неъматзода.

АНБА́Р (ар. عنبر — хушӣ), 1) моддаи нарми хушбӯи муммонанд, ки дар аъзои ҳозимаи *анбарзо* ҳосил мешавад. Мувофиқи маълумоти баъзе маъхазҳо А. мумеет муаттар, ки дар кӯҳистон заанбӯри асал аз гиёҳҳои хушбӯ ҳосил мекунад ва сел шуста ба баҳр меоварад. Онро ҷонвари баҳрӣ фурӯ бурда, вале ҳазм карда наметавонад ва гашта берун меафканад. Беҳтарини он А.-ҳои ашҳаб, соро, кабуд, зард ва ғ., навъи бадтаринаш манд ё А.-и сиёҳ мебошад. Зичии А. 900—920 кг/м³, t гуд. 60° С; дар об ҳал намешавад; дар равған, спирт ва эфир нагз ҳал мешавад. Аз А. дар навиаш бӯи нохуш меояд, вале ҳар қадар кӯҳна шавад, хушбӯтар мегардад. А. бештар дар аттори барои таҳвияти нақҳат ва табхир нашудани бӯи атр истифода мешавад. А. ҷузъи таркибии «анбарина» ном хушбӯй ва доруи машҳури қадимист. Абӯали ибни Сино А.-ро дар муолиҷаи нуқсҳои дил, мағзи сар ва диг. беморӣҳо истифода мекард. 2) Анбари бобон — А.-и бо бон омехта; бон номи дарахте ва меваи он аст, ки бағоят хушбӯ мешавад. 3) Дар адабиёти бадеӣ А. сифатҳои гуногун ва маъноҳои маҷозӣ дорад: А.-и соро (киноя аз зулфи нозанинон), А.-и тар (сиёҳии чашм) ва ғ. *М. Ҳоҷиматов.*

АНБАРБОРИ́С, пиг. *Зирк.*

АНБАРЗО́, кашалот, гови анбарзой (Physeter catodon), ҳайвони ширхӯри баҳрӣ, мансуби гурӯҳи китҳои дандондор. А.-и нар (1) то 20 м, вазнаш то 70 т, А.-и мода (2) то 15 м, вазнаш то 30 т мешавад. Сараш хеле бузург, аз тарафи пеш ғафс. Бинии А. дар болои сар буда, ҳангоми кӯтоҳ-кӯтоҳ нафас гирифтан кушода мешавад. Бинии А.-ро дар зери об забонаке сахт менӯшад.

Роҳи бинӣ бо халтаи ҳавоии махсус пайваст буда, бо он якҷоя вазифаи узви овозбарорӣ ва сигналро иҷро мекунад. Дар байни устухони ҷоғи болоии А. халтаи равғанине ҳаст, ки спермацет ном моддаи сафед захира мекунад; онро чун асоси марҳам истифода мебаранд. Танҳо ҷоғи поёни А. 18—30 ҷуфт дандон дорад. Боли шиноварии тӯши А. пахнои интиҳояш мудаввар буда, боли шиноварии тахтапушташ шакли кӯҳони дарозрӯй дорад. Ғизои А. нармбадани сарпо ва моҳист. А. полигам аст. А. дар 5 сол ба балоғат мерасад ва то 50 сол умр мебинад. А. то 9—10 т равған, то 6 т спермацет ва *анбар* медиҳад.

АНБИ́К, олатест барои бо роҳи *таҳтир* ба фраксияҳои таркибӣ ҷудо кардани омехтаи моеъҳо. Дар А. омехтаи моеъҳоро то ҷӯшидан гарм мекунанд. Моеъҳое, ки ҳарор. ҷӯшишашон гуногун аст, аз омехта тадричан буғ шуда, пас аз сард шудан (дар конденсатор) боз ба моеъ табдил меёбанд. Дар Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, Покистон ва диг. мамлакатҳои шарқ А. чун олати гулобкашӣ маъмул аст. А. дар саноати озуқа (барои ҳосил кардани равғанҳои эфир, спиртҳои ароматӣ ва ғ.), коркарди нефть, химияи чӯб ва ғ. истифода мешавад.

АНБО́Р, бино ё иншоот барои нигоҳ доштани ғалладона, орд, мева, сабзавот, мошинҳои х. қ., воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти х. қ., нурию захрхимикатҳо ва ғ.

АНБО́РИ МЕВА́, бино барои нигоҳ доштани меваи тару тоза. Дер ва беталаф нигоҳ доштани мева ба ҳарорату намии муайяни ҳаво ва таркиби ҳавои бино (миқдори оксигену гази карбонат) алоқаманд аст. Вобаста ба миқдору намудҳои маҳсулоти захиравӣ А. м. ду хел мешавад: А. м.-и махсус (барои нигоҳ доштани намуди муайяни меваҷот: тухму донакдор, ангур, цитрусӣ ва ғ.) ва универсалӣ (барои намудҳои гуногуни мева). А. м.-и универсалӣ маъмултар аст. Ғунҷоиши А. м. аз 50 т то 4 ҳаз. т аст.

Ад.: Хранение и переработка плодов и овощей, М., 1963; Бруев С. Н., Использование естественного холода при хранении плодов и овощей, М., 1968.

АНБО́РИ ҒАЛЛАДО́НА, бино ё иншоот барои нигоҳ доштани ғалладона. Дар гузашта тоҷикон ғалладонаро дар кандук, хум, ӯра ва сандуқҳо нигоҳ медоштанд. Ҳоло А. ғ. хеле гуногун буда, аз айвонҳои оддӣ то элеваторҳои хуб механиконида иборатанд. Дар к-зу с-эҳои СССР барои нигоҳ доштани миқдори зиёди ғалладона бештар анборҳои якошьёна бо нақлиёти борфарору боркунанда (ғаллаборкунаки ЗПС-60, ғаллапартои ЗМ-30, ғаллатозакунаки ОС-4,5А, ОВП-20, ОВС-10Б, СВУ-5 ва ғ.) сохта мешаванд, ки ғунҷоиши онҳо аз 250 то 5500 т мебошад. А. ғ.-ро аз оҳану бетон, чӯбу тахта, фулузоту хишт ва ғ. месозанд.

АНВАРОБО́Д, деха дар С. қ. Даҳанаи район ва вил. Кӯлоб. Терр. к-зи ба номи С. Амиршоев. Аз А. то маркази С. қ. 5 км, то район ва ст. р. о. камбари Кӯлоб 23 км. Аҳол. 287 наф. (1976), тоҷикон. А. китобхона, пункти тиббӣ ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо аз д. Яхсу ва обанбори Мӯъминобод обьёрӣ мешаванд.

АНВА́РОВ Саидаҳмад (1894, Конибодом—1938, Душанбе), ходими давлатӣ, иштирокчии фаъоли муборизаи роҳи пойдор намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1919. Аз оилаи деҳқон. Дар с-ҳои 1912—18—хизматгори бой, баъд дар мактаби русӣ таҳсил кард. С-ҳои 1918—25 — инструктори иттифоқи «Қӯшчӣ» («Ҷуфтгарон»)-и Конибодом, мудири шӯъбаи обу замини уезди Қӯқанд ва шӯъбаи обу замини вил. Фарғона, аъзои комитети революционии вилоят, раиси иттифоқи «Қӯшчӣ»-и вил. Фарғона. С-ҳои 1925—29 комиссари халқии зироати РАСС Тоҷ., 1929—31 намояндаи доимии РСС Тоҷ. дар назди СКХ СССР, 1931—33 дар Академияи умумииттифоқии х. қ. (Москва) таҳсил кард, 1933—35 сардори шӯъбаи сиёсии МТС-и Шаҳринав, раиси Комиҷроияи р-ни Варзоб, 1935—37 коркуни масъули Комиссариати халқии нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. буда, борҳо ба аъзоии КМ ПК(б) Тоҷ. ва КИМ-и республика интихоб шуда аст. *И. Келдиев.*

АНВАРПОШШО́ (Enver Paşa) (1881, Истанбул — 4. 8. 1922, деҳаи Обдараи вил. Кӯлоб), ходими сиёсию ҳарбӣ, генерал, яке аз сардорони партияи «Иттиҳод ва тараққӣ»-и ҷавонтуркон, иштирокчии Рев. 1908 ва табаддулоти давлатии яп. 1913-и ҷавонтуркон дар Туркия. Февр. 1914 вазири ҳарбӣ таъин шуд. Солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи Туркия буд. Сиёсати пантуркизм ва панисломизмро мегузаронид ва тарафдори ҳамкорӣ бо империализми Германия буд. С. 1918 баъди шикасти Туркия дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Германия гурехт. Аз ҳамин вақт тарафдорони худро ҷамъ карда, ба муқобили ҳаракати миллии озодихоҳии туркҳо мубориза бурданӣ шуд. Аммо нақшаҳояш барор нагирифт ва окт. 1921 ба Бухоро омад. Дар Бухоро бо қувваҳои аксулинқилобии Закавказия, Крим, Осиёи Миёна забон як карда, бо ёрии империалистони хоричӣ дар ҳайати Эрон, Бухоро, Хева, Афғонистон, Туркия ва диг. мамлакатҳо империяи

Схемаи сохти атмосфера:

1 — сатҳи баҳр. 2 — баландтарин нуктаи Замин — қуллаи Ҷомолунгма (Эверест, 8848 м), 3 — тӯдаабрҳои ҳавои соф, 4 — тӯдаабрҳои пурбор, 5 — абрҳои борони сел, 6 — абрҳои кабат-кабати боришовар, 7 — абрҳои паршакл, 8 — самолёт, 9 — кабати концентрацияи максималии озон, 10 — абрҳои садафнамо, 11 — стратостат, 12 — радиозонд, 13 — шиҳобҳо, 14 — абрҳои нуқратоб, 15 — фачри кутбӣ, 16 — самолёт-ракетаи америкоии Х-15; 17, 18, 19 — радиомавҷҳои аз кабатҳои ионизациянишуда инъикосгаштаи ба Замин баргардандаи, 20 — садомавҷи аз кабати гарм инъикосгаштаи ба Замин баргардандаи, 21 — аввалин радифи маснӯи Замин, 22 — ракетаи балистикии байниқитъавӣ, 23 — ракетаи тадқиқотии геофизикӣ, 24 — радифи метеоролог, 25 — киштиҳои кайҳонии «Союз-4» ва «Союз-5», 26 — ракетаи кайҳонӣ ва радиомавҷҳое, ки аз ҳудуди атмосфера берун меравандаи, 27, 28 — диссипацияи (берун рафтан)-и атомҳои Н ва Не, 29 — траекторияи протонҳои (Р) офтобӣ, 30 — тадоҳулии нурҳои ультрабунафш ($\lambda > 2000$ А ва $\lambda < 900$ А).


H
He
2000 Å
900 Å
2000
1900
1800
1700
1600
1500
1400
1300
1200
1100
1000
900
800
700
600
500
400
300
200
175
150
130
120
110
100
90
80
70
60
50
40
30
20
10
0
0,8 10⁻⁵
1,5 10⁻⁵
5,5 10⁻⁵
8,0 10⁻⁵
1,5 10⁻⁴
6,5 10⁻⁴
2,5 10⁻³
4,0 10⁻³
1,2 10⁻²
4,9 10⁻²
2,1 10⁻¹
5,3
16
60
250
12 10²
6,3 10²
25 10³
9,0 10⁴
31,0 10⁴
12,4 10⁵
54,4 10⁵
280,0 10⁵
1013,8 10⁵



Анор: 1—шохчаи мевадор; 2—гул; 3—буриши рости анори мордон; 4—буриши рости анори ширинмаза; 5—дона.

Ба мақолаи Анор

«Туркияи Бузурги Султонӣ» ташкил карданӣ шуд. Нояб. 1921 бо кӯмаки қувваҳои реакционӣ ба муқобили Бухорои Советӣ суиқасд ташкил кард, ки он барор нагирифт. Баъди он ба Бухорои Шарқӣ омада, худро муборизи истиқлолият ва озодии мусулмонони Шарқ эълон намуд. Дар амал бо ёрии давлатҳои империалистии хоричӣ ва қувваҳои дохилии аксулинқилобӣ дастаҳои босмачиёнро муттаҳид намуд ва ба республикаҳои Шарқи Советӣ, дар навбати аввал ба РХСБ таҳдид кард. Партия халқ ва армияро ба муборизаи зидди ин моҷароҷӯи аксулинқилобӣ, дастнишондаи империализми хоричӣ даъват намуд. Қувваҳои муттаҳидаи Армияи Сурхи Бухоро ва Россияи Советӣ бо ёрии аҳолии меҳнаткаш босмачиёнро мағлуб карданд ва ниятҳои А.-ро барбод доданд. Худи А. дар задухӯрди назди деҳаи Обдараи вил. Кӯлоб кушта шуд. *М. Эркаев.*

АНВАРИ انوری Авҳадуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқи Абевардӣ (1126, Абеварди Хуросон — тақр. 1190, Балх), яке аз бузургтарин шоирони форс-тоҷик. А. дар мадрасаи Мансурияи Тӯс, ки асосгузори он Низомулмулк буд, илмҳои нуҷум, риёзиёт, мантиқ, ҳандаса, тиб, мусиқиро омӯхта, ба олимӣ ном баровард. Дар ибтидо бо тахаллуси «Ховарӣ» шеър месуруд. А. аз тангии маишат ва эҳтиёҷи оила ба дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ (ваф. 1157) рӯ оварда, яке аз мулозимони ӯ гардид. Дар муҳити дарбор зиндагиаш чандон хуш нагузашт, бинобар он с. 1150 дарборро тарк карда ба Нишопур рафт. Дар ин ҷо ҳам А. осудаҳол зиста натавонист, зеро с. 1153 тоифаи ғузҳо ба қаламрави Салҷуқиён ҳуҷум оварда, султон Санҷарро асир ва мардумро қатлу ғорат карданд. Қасидаи машҳури А. «Ашкҳои Хуросон» ба ҳамин муносибат гуфта шудааст, ки дар он муҳаббати шоир нисбат ба халқу ватан ифода ёфтааст. А. с. 1154 аз Нишопур ба Балх рафт. Мухолифонаш қитъаи *Футӯҳиро,* ки дар ҳаҷви мардуми Балх буд, аз номи А. байни халқ паҳн намуданд. А. барои радди ин тӯҳмат, ки қариб бонси қатли шоир шуда буд, «Савганднома»-ро навишт. Пас А. бо таклифи Аҳмади Пирӯзшоҳи ҳоким с. 1164 ба Тирмиз омад. Ниҳоят аз таърифу тавсифи амирону ҳокимон даст кашид ва сӣ соли хидмати дарборро давраи гумроҳӣ, давраи «ҷафо ба нафсу ситам ба ақли хеш» шумурд.

Мероси адабии А. қариби 15 000 байт — зиёда аз 250 қасида, 557 қитъа, 337 ғазал ва 472 рубоӣ мебошад. Китобе бо номи «Ал-башорат фӣ шарҳ-ил-ишорат» дар нуҷум ва рисолае дар арӯзу қофия доштааст. А. ҳамчун устоди баркамоли қасида ба сифати яке аз се пайғамбари шеъри форс-тоҷик (дар радифи Фирдавсию Саъдӣ) ном баровардааст. А. дар зимни мадҳияи қасидаҳояш калимаву ибораҳои арабӣ ва истилоҳоти илмиро бештар истифода мебарад, ки сабаби душворфаҳмии ашъораш шудааст. Ба ҳусни тахаллусу мадҳ аҳамияти бештар дода, ташбиҳу насиброи камтар ба кор бурдааст. *Тағаззули* қасидаҳои А. нисбатан соддаю равон буда, тасвири манзараҳои табиат, шикоят аз ҷабру ҷафои ёр, бедодгариҳои замонро дар бар мегирад. Дар эҷодиёти А. қасидаҳое дучор мешаванд, ки мадҳи мамдӯҳ на аз забони худи шоир, балки аз номи маъшуқа баён шудааст. А. кӯшидааст, ки дар зери пардаи мадҳи пуробуранг ғояҳои баланд ва афкори пешқадамро ифода кунад. Дар баъзе қасидаҳо нафақат ҳасби ҳоли шоир, балки ихтилофоти фоҷиаангези замон, қисмати мардуми ҷафодида низ тасвир шудааст.

Дар қитъаҳои А. ақидаҳои илмӣ, ахлоқӣ, сиёсию ичтимоӣ, шикоят аз замон ва беадолатии зиномдорони давр бештар ифода шудааст. Муқаттаоти А. аз ҷиҳати мазмун нисбат ба қасидаҳояш васеътар буда, дар ин ҷо ҷаҳони ботинии шоир бештар ошкор мешавад. Баъзе қитъаҳои А. хусусияти мутоибавӣ доранд. Ғазалиёти А. нисбат ба дигар навъҳои ашъораш соддатар аст. А. аз ҷумлаи шоиронест, ки ғазалро пеш аз Саъдӣ ба як қолаби муайян даровардаанд. Хизмати муҳимми А. дар инкишофи ғазал ин аст, ки вай мазмуни лирикиро аз вобастагию тобеияти жанри мадеҳавӣ берун оварда, чун жанри мустақиле вусъат дод. Ғазалиёти А. равон, латиф ва дилчасп буда, бо мусиқӣ ва лирикаи халқӣ алоқа дорад. Рубоиёти шоир бо забони соддаю равон суруда шуда, ишқу муҳаббат, васфи маю соқӣ, шикоят аз давру замон, ҷабру ҷафои ёр барин мавзӯъҳоро дарбар мегиранд.

Ас.: Девони Анварӣ, Д., 1972.

Ад.: Жуковский В. А., Али Аухадэддин Энвери, СПБ, 1883.

Т. Самадов.

«АНВОРИ СУҲАЙЛӢ» انوار سهیلی яке аз таҳрирҳои китоби *«Калила ва Димна»* аст, ки дар а. 15 ба саъйи Ҳусайни Воизи *Кошифӣ* анҷом ёфтааст. Кошифӣ таҳрири матниро дар асоси «Калила ва Димна»-и *Абулмаолии Насруллоҳ* ба поён расонда, китоби худро ба Низомуддин Аҳмади *Суҳайлии* вазири *Ҳусайни Бойқаро* бахшидааст. Кошифӣ сабки маснӯи Абулмаолиро асосан риоя карда, вале бобҳои парокандаи китоби ӯро ба як хати сюжет кашида, асари яклухте ба вуҷуд оверд. Инчунин ба ҷои порчаҳои манзум ва зарбулмасалу ҳикматҳои арабии он ашъори шоиронӣ форс-тоҷик ва зарбулмасалу мақолҳои тоҷикиро фаровон ба кор бурд. «А. С.» чун тамоми таҳрирҳои «Калила ва Димна» асари панду ахлоқӣ буда, дар ҳикоятҳои тамсилии он, ки асосан аз ҳаёти ҷонварон аст, ҳулқи нек, ватанпарастӣ, мардумдӯстӣ, адолатпешагӣ ва дигар хислатҳои инсонӣ таргиб шудааст. Ин асар дар гузашта ба сифати китоби дарсӣ истифода мегардид. Таҳрири Кошифӣ ба чандин забонҳои Шарқу Ғарб тарҷума ва нашр шудааст.

Ад.: Калила ва Димна, аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайни Воизи Кошифӣ (танзим ва таҳрири нави Р. Ҳодизода), Д., 1966. *А. Афсаҳзод.*

АНГА́Р (франс. hangar), иншоотест барои муҳофиза, хизмати техникӣ ва таъмири самолёту вертолётҳо. Аз рӯи таъиноташ се навъ мешавад: доимӣ, мувоққатӣ ва васлу ҷудошаванда. А.-и доимиро аз металл ва оҳанубетон, А.-и мувоққатиро аз чӯбу тахта, А.-и васлиро аз пӯлод ё хӯлаҳои сабук месозанд. Шаклу андозаи А. ба навъ ва шумораи самолёту вертолётҳо вобаста аст. А. бо таҷҳизоти ҳамлу нақл, алоқа, сигнализация ва автоматҳои оташнишон ҷиҳозонида мешавад.



Намуди дохилии бинои асосии ангар.

АНГАРА́, дарёе дар вил. Иркутск ва кишв. Краснояри РСФСР, шохоби рости д. Енисей. Тӯлаш 1779 км, бараш аз 0,8—1,5 км то 3—5 км. Масоҳ. ҳавзааш 1 039 000 км², аз он ҷумла масоҳати ҳавзаи худи А. (бе ҳавзаи кӯли Байкал) 468 км². Аз кӯли Байкал сар шуда, ба Шим. ва баъд ба Ғ. ҷорӣ мешавад. Болооби А. дар натиҷаи сохтани ГЭС-ҳои Иркутск ва Братск асосан ба обанборҳо (Иркутск, масоҳ. 154 км² ва Братск, масоҳ. 5470 км²) табдил ёфтааст. Аз окт. то май ях мебандад. Манбааш (ғайр аз оби кӯл) барфу борон. Сарфи солонаи об ба ҳисоби миёна дар наздикии ГЭС-и Иркутск 1700 м³/сон., дар наздикии ГЭС-и Братск 2900 м³/сон., дар наздикии резишгоҳаш 4500 м³/сон. Шохобҳои

асосиаш: Иркут, Китой, Белая, Ока, Ия, Тасеева — аз чап, Илим, Чадобец — аз рост. Аз Иркутск то Байкал ва ГЭС-и Братск мунтазам киштӣ мегардад. А. аз моҳӣ (тосмоҳӣ, хариус, налим ва ғ.) бой аст. Дар соҳилҳои А. ш-ҳои Иркутск, Ангарск, Усолье-Сибирское, Свирск, Братск ҷойгиранд. Дар А. ГЭС-ҳои Иркутск ва Братск сохта шуда, сохтмони ГЭС-ҳои Усть-Илим ва Багучанск давом дорад.

АНГА́РСК, шаҳр дар вил. Иркутски РСФСР, дар андароби д-ҳои Китой ва Ангара. Ст. р. о. дар магистрали Сибирь. Аҳол. 233 ҳаз. наф. (1977). Яке аз марказҳои калони ноҳияи саноатии Иркутск ва Черемхово. С. 1954 комб. калони нефту химия (маҳсулоти нефть, нурҳои минералӣ, асбобҳои химиявии рӯзгор ва маҳсулоти диг.) ба кор сар кард. Саноати масолеҳи бинокорӣ (оҳану бетони вослшаванда, цемент, маснуоти сафолӣ ва ғ.), з-ди электромеханикӣ, корхонаҳои чӯбгарӣ, ф-каи дӯзандагӣ, комб. гӯшт дорад. Дар А. филиали Ин-ти политехникии Иркутск, техникуми политехникӣ ва омӯзишгоҳи тиббӣ мавҷуданд. А. с. 1951 буньёд гардид.

АНГА́Т, облепиха (Hippophae), авлоди бутта ё дарахт, мансуби *санҷидиҳо*. Барги соддаю яклухти нештаршакли аз боло сабзу аз зер сафеди нуқратоб, гули майдаи ҷудоҷинса, меваи донашакли хуштаъму сершираи норанҷ, зард ё сурх дорад. Дар Европа ва Осиё 2 намуди А. паҳн шудааст. Дар СССР, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 1 намуди худрӯй (H. rhamnoides, ниг. расм) ва 1 навъи боғиаш (H. salicifolia) вомехӯрад. А.-ро чун растании ороишӣ ва доруй, инчунин бо мақсади буттазор кардани мавзеъҳои камдарахт, мустаҳкам намудани сохил ва ғ. истифода мебаранд.

Дар Тоҷикистон ангатзорҳои табиӣ асосан дар соҳили д-ҳои Ванҷ, Вахш, Ғунд, Зарафшон, Исфара, Кофарниҳон, Панҷ, Сир, Сурхоб, Хингоб, ҳавзаи кӯли Искандар ва ғ. вомехӯранд. А. аз реша (бехҷаст), донак ва фарғуч рушд мекунад. Дар моҳи апр.—май пеш аз баргбарорӣ ё баробари баргбарорӣ 7—10 рӯз гул карда мева мебандад. А. асаловар аст. Меваш каротиноид, витаминҳои В, B_1, B_2, С, Е ва ғ., мағзаш равған дорад. Равғани А.-ро барои рафъи илтиҳоб, захми меъда, маҳбал, гарданаи бачадон ва ғ. истифода мебаранд. Аз меваи А. мураббо, қиём ва нӯшокиҳои гуногун ҳам тайёр мекунанд.

Ад.: Запрягаева В. И., Дикорастущие плодовые Таджикистана, М.-Л., 1964. *А. Ғоҳиев.*

АНГЕЗА́И РУШДИ РАСТАНИҲО́, пайвастҳои табиӣ ва синтезӣ, ки процессҳои рушди растаниро метезонанд. Ба А. р. р. фитогормонауксинҳо (гетероауксин, α-нафтилацетат, кислотаи индолил — равғанӣ ва ғ.), гиббереллинҳо, цитокининҳо ва инчунин баъзе витаминҳо мансубанд. А. р. р.-ро дар растанипарварӣ барои тезонидани решаронии қаламча (олу, олуча, садбарг ва ғ.), гулкунии растаниҳо бо мақсади ба даст овардани меваи бармаҳали боимҷон, помидор, анҷир, лимӯ, мандарин ва ғ., ҳаҷман калон шудани мева истифода мебаранд. А. р. р.-ро барои пешгирии бармаҳал рехтани меваи себ, нок ва ғ., тезонидани сабзиши тухм, лӯндаку пиёзак ва расиши мева ва ғ. низ ба кор мебаранд. Ниг. низ *Ауксинҳо, Гиббереллинҳо, Кининҳо, Танзимкунандаи рушди растаниҳо.*

Ад.: Мельников Н. Н., Баскаков Ю. А., Химия гербицидов и регуляторов роста растений, М., 1962; Леопольд А., Рост и развитие растений, М., 1968.

АНГЕЗАҲО́И ФАЪОЛИЯТИ АСА́Б дар тиб, моддаҳое, ки кори рӯҳӣ ва ҷисмонии организмро метезонанд. А. ф. а. аз ҷиҳати хусусияти таъсирашон чанд гурӯҳанд: аналептӣ, рӯҳафзо, антидепрессантӣ ва психотомиметӣ. Се гурӯҳи охир давоҳои психотропӣ буда, таъсири рӯҳафзо доранд. Давоҳои аналептӣ (ҷоннокунанда) фаъолияти марказҳои муҳимми майнаи дарозрӯяро, ки нафаскашӣ ва гардиши хунро танзим мекунанд, метезонанд. Аналептҳо антагонисти моддаҳои наркозӣ буда, ҳангоми наркоз организмро ҷоннок мекунанд. Кофеин, кофур, коразол, секуринин, стрихнин ва ғ. аналептҳои асосианд. Давоҳои рӯҳафзо хастагиро то андозае бартараф карда, қобилияти кори фикрию ҷисмониро баланд мекунанд ва боиси хушии ахвол мегардонд. Ин давоҳо аз феванин, фенатин, пиридрол, ацефен ва ғ. иборатанд. Антидепрессантҳо ҳангоми рӯҳафтодагии эндогенӣ эътимодбахшанд. Антидепрессантҳое низ мавҷуданд, ки таъсири норадреналин (гормони мағзи ғадуди болои гурда) ва гурӯҳи моддаҳое, ки ферменти моноаминоксидазаро суст мекунанд, пурзӯргар менамоянд. Ғайр аз давоҳои номбурда пантокрин, пиридрол ва решаи мардумгиёҳ ҳам таъсири рӯҳафзо доранд. Ин давоҳо ҳангоми монда шудан ва беморихои асаб истеъмол мешаванд.

Ю. Н. Нуралиев.

АНГЕЗИ́Ш, қобилияти ба таъсири муҳити беруна ва дохилӣ ҷавоб гардонда тавонистани ҳар як организми зинда. Тағйироти омилҳои муҳити беруна боиси дигаргун шудани мубодилаи модда мегардад; организми зинда аз ҳолати нисбатан ором ба ҳолати фаъол мегузарад. Материяи зинда А.-ро ҳис карда, ба он бо ҳолати тағйирёбии ғайримаҳсус (тез шудани мубодилаи модда, тағйирёбии потенциали электрӣ, ҳолати физоколлоидии протоплазма) ё маҳсус (гузаронидани импульси асаб, кашишхӯрии мушак, луобҷудокунӣ) ҷавоб мегардонад. Дар организмҳои бисьёрҳуҷайраи системаи асабдошта дар процесси инкишофи таърихиашон рецепторҳое ҳосил мешаванд, ки онҳо А.-ро қабул карда, ба системаи асаби марказӣ медиҳанд.

Дар растанӣ ангезандаҳои муҳити беруна (рӯшной, фазо, ҳарорат, моддаҳои химиявӣ ва ғ.) дар ҳамаи бофтаҳои зинда ҳаяҷон ба вуҷуд меоранд, ки он ба пайдоиши потенциалҳои биоэлектрӣ, зиёд шудани фаъолияти ҳуҷайраҳо вабаста аст. Растанӣ чун ҳайвон бофтаи махсуси ангезишгузарон надорад. Зеро ки дар растанӣ ангезишро ҳамаи ҳуҷайраҳои зинда мегузаронанд. Дар растанӣ ба А. ҳуҷайра, бофта ва узвҳои наврас бештар ҳассосанд. Барои гузаронидани ҳаяҷон моддаҳои аз ҷиҳати физиологӣ фаъол — *ауксинҳо* роли калон мебозанд. Асосгузори А. дар растанӣ Ч. Дарвин аст. У А.-ро асоси физиологии мувофиқати растанӣ ба муҳити атроф шуморида буд. Масъалаҳои А.-ро дар растанӣ К. А. Тимирязев, С. П. Костычев ва диг. тадқиқ кардаанд.

АНГЕ́ЛИНА Прасковья Никитична (12. 1. 1913, пос. Старобешевои вил. Донецк — 21. 1. 1959, Москва), аввалин ташкилотчӣ ва сардори бригадаи трактории занон дар СССР, ходими ҷамъиятӣ, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1947, 1958). Аъзои КПСС аз с. 1937. С. 1929 курси тракторрониро тамом карда, трактории МТС-и Старо-Бешевская (вил. Донецк) шуд. С. 1933 дар ҳамин МТС бригадаи трактории занонро ташкил ва 25 сол ба он сардорӣ кард. С. 1938 бо шиори «Сад ҳазор дугона ба трактор са-

вор шавед!» ба занони советӣ мурочиат намуд. Бо даъвати ӯ 200 ҳаз. зан тракторчӣ шуд. С. 1940 Академияи х. қ.-и ба номи Тимирязеви Москваро хатм кард. Муаллифи китоби «Одамони саҳроҳои колхозӣ» (1945), депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1—5), вакили съездҳои 18—21-и КПСС ва лауреати Мукофоти давлатии СССР (1946). Бо 3 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АНГИДРИД (аз юн. an — ҳиссачаи инкорӣ ва hydōr — об), пайвасти ягон элемент бо оксиген. Оксидҳои олии нометалл ва баъзе металлҳо А.-анд. А. бо ду усул ҳосил мешавад: 1) аз пайваст шудани моддаи содда бо оксиген; 2) раҳондани об аз кислотаи дахлдор.

АНГИДРИТ, 1) минерал, форм. химиявиаш $Ca[SO_4]$. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ; кристаллҳояш пулакчаю призмашакл ва псевдокубӣ. Рангаш сафед, хокистарӣ, кабудча, сурхча. Сахтиаш—3—3,5; зичиаш 2800—3000 кг/м³; зудшикан. Аз намии ҳаво ҳаҷмаш то 30% афзуда ба *гипс* табдил меёбад. Дар ҷинсҳои таҳшин, хусусан дар доломитҳо, оҳаксангҳои доломитдор, конҳои намак, гипс, баъзан дар рагҳои гидротермалӣ вомехӯрад. 2) Ҷинси таҳшинест, ки асосан аз минерали ангидрит иборат буда, маҳсули таҳшини химиявии сульфати кальций дар кӯлу мурдобаҳои хушкшаванда мебошад. Дар табиат аксар қабат-қабат мехобад. А. ҳамчун нурии минералӣ ва барои тайёр кардани цемент ба кор меравад. Конҳои он дар р-нҳои Исфара, Совет, водии Вахш ёфт шудаанд.

АНГИНА (лот. ango — буғӣ мекунам), дарди гулӯ, заҳрбод, бемории сироятии шадид, ки стрептококк, стафилококк, пневмококк ва ғ. барин микробҳо меангезанд. А. чун газаки гулӯ, хусусан бодомакҳои ком падид меояд. А. дар байни бачагони синни томактабию мактабӣ ва одамони миёнсол бештар ва дар байни тифлони ширмак ва кӯҳансолон кам вомехӯрад. Вай асосан дар аввали баҳор ва тирамоҳ авҷ мегирад. Сироятии беморӣ бо ҳаво, хӯрок ва ғ. паҳн мегардад. Хунук хӯрдани бадан (хусусан пой), вайрон шудани сифату таркиби хӯрок ва камвитаминӣ пайдоиш ва инкишофи А.-ро метезонанд. Баъд аз сиҳатшавӣ ҳам организм бар зидди А. масуният пайдо намекунад. Бо пайдо шудани А. бемор бемадорӣ, хориши гулӯ ва ҳангоми туф ё хӯрокро фурӯ додан дардро ҳис мекунад. Бо шадид шудани А. бемор лакот шуда, аз сахт дард кардани гулӯ, баланд шудани таб (39—40° С) ва дард кардани сар, пой ва миён азият мекашад. Ҳангоми муоина дар гулӯ бодомакҳои сурху пурхуни варамида ва сахт; дар ҳалқ пуфакчаҳои зарди сафедчатоб ва чуқурчаҳояш бо парда пӯшидашуда намудор мешаванд. Чаҳор навъи А.-ро фарқ мекунанд: назлавӣ (катаралӣ), фолликулӣ, лакунарӣ ва флегмозӣ. А. назлавӣ бошад, бодомак то як андоза калон ва сурх мешавад. А.-и фолликулӣ аз омоси бодомак сар мезанад, пардаи луобии ҳар ду бодомак сурх шуда, мадда пайдо мекунад. Бодомаки сурхшуда чиркдор гардад, А.-и лакунарӣ меноманд. Ҳангоми гирду атрофи бодомак мадда карда, дардро шадидтар кардан, лозим меояд, ки бодомакро кафонанд. Чунин А. флегмозӣ номида мешавад. Дар ин маврид баъзан рӯи пӯсти яке аз бодомакҳо осеб ёфта, маддаи зардча пайдо карданаш мумкин аст. Агар А. ҷиддӣ табобат карда нашавад, он боиси бемориҳои банду буғум, гурда, дил мегардад.

Муолиҷа: истифодаи антибиотикҳо, дорухои табшикан, ғарғара, баъзан дахолати ҷарроҳӣ, бистарӣ кардани бемор.

Пешгирӣ: тоза кардани ҳавои сироятнок, обу тоб додани организм, риоя намудани тартиби меҳнату зиндагонӣ, барҳам додани сарчашмаи беморихои кӯҳна (дандони пӯсида, газаки музмини бодомак) ва ғ.

АНГИШТ (даврои ангишт), карбон, даврои панҷуми геологӣ аз аввали эраи палеозой. Бо индекси С ишора мешавад. Онро нахустин бор с. 1822 У. Конибир ва У. Филлипс дар Брит. Кабир муқаррар кардаанд. Давраи А. 285 млн сол пеш сар шуда, 65—70 млн сол давом кардааст. Давраи А. аз даврахои диг. бо олами органикии хоси худ ва инкишофи пуравҷи он фарқ мекунад. Аз намояндагони олами ҳайвоноти даврои А. махсусан хазандагон, обию хокиҳо, ҳашарот ва ҷонвароне бахрӣ — фораминиферахо (фузулинидҳо), мшанкаҳо, брахиоподҳо, криноидеяҳо, бластоидеяҳо, хорпуштҳои баҳрӣ, марҷонҳо, нармбаданони гуногун ва ғ. инкишоф ёфтаанд. Олами набототи даврои А.— аз каламитҳои азим ва мунмунаҳо (лепидодендронҳо ва сигиллярияҳо), кордаитҳо ва папоротникҳо (сарахсҳо)-и дарахтмонанд иборат буд. Дар охири ин давра аввалин дарахтони сӯзанбарг пайдо шуданд. Қариб тамоми хушкиҳоро ин гуна растаниҳо фаро гирифтанд. Иқлими даврои А. ба иқлими тропикии ҳозира наздик буд. Фаровонии наботот, иқлими гарми сернам ва ботлоқзору мурдобаҳои бисьёр боиси пайдоиши қабатҳои ғафси ангиштсанги материкҳо шуданд. Дар ҳудуди СССР ҷинсҳои даврои А. масоҳати хеле васеъро ишғол мекунанд: дар Донбасс ғафсии онҳо зиёда аз 10 км, дар Урал — қариб 4 км, дар Қазоқистон ба намуди ҷинсҳои сурхранги континентӣ—1,1 км, дар Поволжия—1,2 км; инчунин дар назди Москва, Осиёи Миёна, Забайкалияи Шарқӣ, поёноби Енисей бисьёр паҳн гаштаанд. Дар даврои А. дар натиҷаи ҳаракатҳои пурзӯри ҷиндоршавӣ (пикли тектоникии герцинӣ) дар Урал, Тиёншони Ҷанубӣ, Европаи Ғарбӣ ва диг. ноҳияҳо кӯҳҳо ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи амалиёти магмавӣ ҷинсҳои интрузивӣ (гранитҳо, диоритҳо, пироксенитҳо) ва эффузивӣ (туфҳо, туфобрекчияҳо, лавахо) пайдо шуданд. Ҷинсҳои таҳшини даврои А. аз регсанг, конгломерат, оҳаксанг ва варақсангҳо иборатанд. Дар терр. Тоҷикистон ҷинсҳои даврои А. аз оҳаксанг, варақсанг ва ҷинсҳои вулқонӣ иборатанд, ки ғафсии онҳо то ба 7 км мерасад. Дар ҷинсҳои даврои А. ба ғайр аз конҳои ангиштсанг, бисьёр конҳои маъдани оҳан, манган, мис, сурб, рух, алюминий, фосфорит, сангҳои қиматбаҳо, нефть, газ ва ғ. ҷой доранд. *Ӯ. Олимов.*

АНГИШТ, сӯзишвории сахт, ки пайдоишаш аз растанӣ буда, табиӣ ва сунъӣ мешавад.

А.-и табиӣ сӯзишвории сахт, ҷинсҳои кӯҳии таҳшин буда, хосияти сӯхтан дорад. Сифати сӯхтанаш ба миқдори моддаҳои органикии он вобаста аст. Агар ҷинс моддаи органикии кам дошта, хокистараш аз 50% зиёд бошад, ҷинси ангиштдор меноманд. А.-и табиӣ вобаста ба пайдоиши моддаҳои якумини органикиаш ду навъ мешавад: гумолитҳо ва сапропелитҳо. А.-и сапропелити серхокистар варақсанги сӯзанда аст. Якхела набудани моддаҳои якумин ва фарқи ҷудошавию бадалшавии онҳо боиси гуногун шудани ҷило, ранг, зичӣ, таркиби микрокомпонентӣ ва микроструктураи А.-и табиӣ гаштааст. Гуногунии А.-и табиӣ ба якхела набудани моддаҳои якумин ва фарқият дар процесси инҳилол ва мубаддалшавӣ вобаста мебошад. А.-и табииро аз ҷиҳати дараҷаи метаморфизми моддаи ангиштҳосилкунанда ба А.-и бӯр, ангиштсанг ва антрацит ҷудо мекунанд.

А.-и бӯр радаи поёнии А.-и табиӣ буда, аз торф ба вуҷуд меояд ва се навъ (хока, сахт, лигнит—чалааангишт) мешавад. Таркибаш аз кислотаи гумин, моддаҳои органикӣ — битумҳо, зифт ва ғ. иборат буда, то 21—25,2 ҳаз. кҶ/кг гармӣ медиҳад. А.-и бӯрро аз рӯи ҷило, таркиби петрографӣ ва хокистару намӣ тасниф мекунанд. А.-и бӯр чун ашьёи хоми саноати химиявӣ ва сӯзишворӣ истифода мешавад. Калонтарин конҳои А.-и бӯр дар СССР, Чехословакия ва РФГ воқеанд. Дар РСС Тоҷ. калонтарин кони А.-и бӯр дар Шӯроб вуҷуд дорад.

Ангиштсанг ҳам А.-и табиӣ буда, дараҷаи ангиштшуданаш нисбат ба А.-и бӯр зиёдтар аст. Рангаш сиёҳ ё хокистарранги сиёҳтоб. Таркибаш моддаҳои органикӣ (карбон, гидроген, оксиген, каме нитроген ва ғ.) ва минералӣ (сульфур) дорад.

Ангиштсанг дар СССР бо тамғаҳои ангиштсанги баландоташ, газӣ, газии равғаннок, равғаннок, коксии равғаннок, коксӣ, антрацитӣ (ниг. *Антрацит*) ва ғ. истеҳсол мешавад. Ангиштсанг чун сӯзишворӣ дар саноати химия, металлургия ва ғ. истифода мешавад. Дар СССР ҳавзаҳои асосии ангиштсанг дар Донецк, Кузнецк, Қарағанда ва ғ. мавҷуданд. Дар РСС Тоҷ., калонтарин кони Ангиштсанг дар Фон-Яғноб буда, захирааш 1,8 млрд. т аст.

А.-и чӯб мансуби А.-и сунъист. Бо роҳи дар кӯра ва реторта беҳаво тасфондани чӯб ҳосил мекунанд; гармии сӯзишаш 29,4—34,02 ҳаз. кҶ/кг. Ба туфайли хосиятҳои баланди адсорбционӣ доштанаш дар баъзе процессҳои металлургӣ, истеҳсоли силицийи кристаллӣ, карбосульфид, дар рӯзгор ва хоҷагии халқ истифода мешавад.

А.-и ҷозиб (фаъол)-ро, ки ба А.-и сунъӣ мансуб аст, аз А.-и табиӣ ё А.-и чӯб бо роҳи нест кардани моддаҳои зиптӣ ҳосил мекунанд. Хосияти адсорбциониии А.-и ҷозиб хеле баланд аст. Онро дар техникаи баландвакуум, саноат, тиб ва ғ. истифода мебаранд.

Ад.: Гапеев А. А., Твёрдые горючие ископаемые, М., 1949; Жемчужников Ю. А., Гинзбург А. И., Основы петрологии углей, М., 1960.

З. А. Румянцева.

АНГИШТИ ҶОЗИБ, ниг. *Ангишт.*

АНГИШТОБҲО, гурӯҳи пайвастҳои органикӣ, ки формулаи умумиашон $C_n H_{2n}O_n$ ё $C_n(H_2O)_n$. А. содда ва мураккаб мешаванд. А.-и мураккаб ба якчанд А.-и содда гидролиз мешаванд. А.-и содда аз ҷиҳати адади атоми карбони молекула ба тетроза, пентоза, гектоза ва ғ. ҷудо мешаванд, аммо аз ҷиҳати сохти химиявиашон онҳо спирти альдегидию кетонӣ — альдоза ва кетозаванд. А.-и мураккаб гидролиз шуда, дисахарид (канд, лактоза), трисахарид, полисахарид ва ғ. барин А.-и содда ҳосил мекунад. Навъҳои полисахарид: гомополисахарид (А.-и соддае, ки бо гидролиз як А.-и содда мас., глюкоза, оҳар ва клетчатка ҳосил мекунад) ва гетерополисахарид (А.-е, ки ҳангоми гидролиз омехтаи А.-и содда ва ҳосилаи онҳоро пайдо мекунанд). А. барои организм ба сифати манбаи энергия зарур аст. Тақрибан 80%-и вазни хушки растанӣ ва 2%-и организми ҳайвонотро А. ташкил медиҳад. Растаниҳое, ки хлорофилл доранд, А.-ро аз дуоксиди карбон ва об бо истифодаи энергияи рӯшної *(фотосинтез)* ҳосил мекунанд; диг. организмҳо дар процесси гизогирӣ А.-и тайёрро мегиранд ё аз маҳсули мубодилаи равғаннок ва сафеда ҳосил мекунанд. А. дар саноати химия, спирту арақ ва ғ. истифода мешавад. Ғайр аз ин, А. чун масолеҳи хӯроквории (мас., канд, оҳар) ва ғ. истеъмол мегардад.

АНГЛЕЗИТ, зоки сурб, минерал, форм. химиявиаш $PbSO_4$; миқдори PbO — 73,6%. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ, кристаллҳояш ба шакли дипирамида, ҷадвал ва қаламча. Бештар ба намуди массаҳои зичи дона-дона ё хока вомехӯрад. Ранги А. сафед буда, тобишҳояш хокистарӣ, зард, сабз, кабуд ва ғ. мебошад. Сахтии он 2,5—3; зичиаш 6100—6400 кг/м³; алмосҷило. Дар қисми болоии конҳои сурб дар натиҷаи оксидшавии галенит (PbS) пайдо мешавад. Дар конҳои полиметаллии Қаромазори РСС Тоҷикистон бисьёр вомехӯрад. Аз А. сурб ҳосил мекунанд.

АНГЛИСҲО, миллат, аҳолии асосии Британияи Кабир, тақрибан 45 млн наф. (1967). Дар Ирландия, мулкҳои тобеи Англия ва баъзе диг. мамлакатҳо сокинанд. Ба *забони англисӣ* гуфтугӯ мекунанд. Аксари диндорон насронианд.

Халқи А. дар натиҷаи омехта ва муттаҳид шудани унсурҳои гуногуни этникӣ ташаккул ёфтааст. Қабилаҳои кельт (бриттҳо ва диг.) аз қадимтарин аҳолии ҷазираҳои Британия буда, тақрибан дар миёнаи ҳазорсолаи 1 то м. дар ин ҷо сокин шуданд. Асрҳои 5—6 ба ҷаз-ҳои Британия қабилаҳои герману англҳо, саксҳо, ютҳо омаданд. Онҳо бо як қисми кельтҳо омехта шуда, қисми дигарашонро ба ноҳияҳои кӯҳии Шотландия, Уэльс ва Корнуолл ронданд. Халқияти англу сакс а-ҳои 7—10 дар асоси қабилаҳои германию кельтҳо ташаккул ёфтаанд. Скандинавиҳо (даниягиҳо, норвегҳо) а-ҳои 8—9 баъзе р-нҳои Англияро забт карда, ба А. таъсири этникӣ расонданд. Англияро забт кардани Нормандия (1066) дар таъриҳи этникии А. воқеаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар мамлакат ҳокимият ба дасти баронҳои франсузу норманн гузашт; халқ ба забони англу саксии худ гап заиад ҳам, расман забони франсавӣ ҳукмрон шуд. Англу саксҳо ва норманнҳо тадричан (то а-ҳои 13—14) ба ҳам омехта, миллати ягонаи англисро ташкил доданд. А. 16 забони умумианглисӣ, забони адабӣ ва дар натиҷаи *революцияи буржуазии Англия дар а. 17* миллати англис ташаккул ёфт. Бисьёр А. дар а-ҳои 17—19 ба мустамликаҳои Англия кӯчида, ба ташаккули чанд миллат — америкоиҳо (дар ШМА), англу канадиҳо, австралиҳо, зеландиҳо сабаб гардиданд. Хусусияти таъриҳи Англия ба бисьёр ҷиҳатҳои ҳаёти А. таъсир расонида, ба боқӣ мондани баъзе расму оин ва анъанаҳои қадимӣ мусоидат кард. Эҷодиёти даҳанакии А. хеле доманадор ва ғанист.

Ад.: Народы зарубежной Европы, т. 2, М., 1965; Маевский В. В., На Британских островах, М., 1955; Осипов В. Д., Британия, 60-е годы, М., 1967.

АНГЛИЯ (England), калонтарин қисми маъмурӣ-сиёсии Британияи Кабир. Номи А. аз қабилаи германии англҳо, ки а-ҳои 5—6 ба ҳудуди Британия омадаанд, гирифта шудааст. Аксар вақт тамоми давлати Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолиро А. мегӯянд. Ба А. 54% масоҳат ва қариб 85% аҳолии Британияи Кабир рост меояд. Масоҳ. 131 ҳаз. км². Аҳол. 47,4 млн наф. (1972). Пойтахташ—Лондон. А. аз ҷиҳати маъмурӣ ба 48 графӣ тақсим мешавад. 70% шаҳрҳои Британияи Кабир, аз ²/₃ ҳиссаи ангишт, қариб тамоми захираи маъдани оҳан, марказҳои тадқиқоти илмии саноати атом—Харуэлл, Амершем, Олдермастон ва қисми зиёди станцияҳои электрикии атомӣ дар А. ҷойгиранд. Марказҳои калони саноатӣ: Лондони Калон, Бирмингем, Ковентри, Ливерпуль, Манчестер, Лидс, Брадфорд; Шеффильд, Ньюкасл ва диг. А. 16 ун-т дорад, ун-тҳои Оксфорд, Кембриҷ, Лондон, Бирмингем, Бристоль аз ҷумлаи онҳоянд. Ниг. низ *Британияи Кабир.*

АНГӮБ, ранге, ки аз гил тайёр мекунанд ва дар кулолӣ истифода мешавад. А.-ро ба рӯи зарфи сафолӣ пас аз хушкидан ва пеш аз пухтан мемоланд, ранги аслии зарф ва ноҳамвориҳои онро пинҳон мекунад. А. сафед ва сурхи ҷигарӣ мешавад. Дар Осиёи Миёна аз давраи неолит (ҳазорсолаҳои 4—3 то м.) маълум буд. Дар замони Кушониён (а. 2 то м.— а. 4 м.) асосан А.-и сурх ва ҷигарӣ истифода мешуд. Дар замони Қарохониён (а-ҳои 11—12) бештар А.-и сафед ба кор мерафт. Аввал А.-ро ба зарф молида, сонӣ нақшҳо мекашиданд. А. ҳозир ҳам дар кулолӣ, истеҳсоли хишти ранга ва ороиши бино истифода мешавад. *У. Пӯлодов.*

АНГӮЛА (Angola), Республикаи Халқии Ангола, мамлакат дар Ғ. Африка, дар соҳили уқ. Атлантик. Бо Заир, Конго, Замбия ва Намибия ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 1246,7 ҳаз. км². Аҳол: 5,9 млн наф. (1973). Пойтахташ — ш. Луанда. А. аз ҷиҳати маъмурӣ ба 15 музофот тақсим шудааст.

Сохти давлатӣ. А.— республика. «Қонуни асосӣ»-и Республикаи Халқии Ангола аз нояб. 1975 амал мекунад. Сардори давлат — президент. Ӯ сарфармондеҳи қуввaҳои мусаллаҳ низ мебошад. Президент ба Совети революционӣ, ки сиёсати дохилию берунии мамлакатро муайян менамояд, роҳбарӣ мекунад. Совети революционӣ аз аъзоёни Бюрои сиёсии МПЛА, аъзоёни Штаби генералии қуввaҳои мусаллаҳи РХА ва 16 вазир, ки Бюрои сиёсӣ интихоб мекунад, иборат аст.

Табиат. Қисми зиёди сатҳи А. паҳнкӯҳест, ки ба сӯи ғарб баланд шуда, дар шарқ бо пастии наздиҳаҳр интиҳо меёбад. Иқлимаш гарм: дар ноҳияҳои марказии мамлакат — экваториии муссонӣ, дар соҳили баҳр—тропикии пассатӣ. Ҳарор. миё-

наи моҳи гармтарин (март ё апр.) аз 21° то 29°С, моҳи салқинтарин (июль ё авг.) аз 15° то 22° С. Боришоти солона дар ноҳияҳои марказӣ 750—1500 мм, дар минтақаҳои назди соҳил: Шим. 250—500 мм, Ҷ. 50—100 мм. Д-ҳои асосӣ: Касаи, Кванго, Кунене, Кванза. А. аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ яке аз бойтарин мамлакатҳои қитъа буда, нефть, алмос, маъдани оҳан, мис, манган ва тилло дорад.

Аҳолӣ. Аксарияти аҳолии А. халқҳои бантузабонанд. Аз европоиҳо асосан португалиҳо зиндагӣ мекунанд. Забони расмӣ—португалӣ. Қисми зиёди диндорон пайрави мазҳабу оинҳои маҳаллианд. Ш-ҳои калон: Луанда (500 ҳаз. наф., 1976), Нова-Лижбоа, Лобиту.

Маълумоти таърихӣ. Таърихи қадимии А. қариб омӯхта нашудааст. Дар а. 14 дар А.-и Шимолӣ давлати Конго (то а. 18) вуҷуд дошт, баъдтар дар терр. А. давлатҳои диг. барпо гардиданд. То вақти ба А. омадани европоиҳо (экспедицияи португалиҳо бо сардории Диогу Кана, с. 1482) дар он ҷо давлатҳои тавонои Ндонго, Лунда, Бенгела буданд, дар а. 17 Матамба ва Касанже ба вуҷуд омаданд. Дар охири а. 15 португалиҳо ба истилои А. сар карданд. Онҳо дар а. 16 дар соҳили А. якчанд истеҳком сохтанд, ки Сан-Паулу-ди-Луанда (1576) аз ҷумлаи онҳост. Аҳолии таҳҷӯй борҳо ба муқобили золимони худ сар бардоштанд. Февр. 1961 дар А. муборизаи мусаллаҳонаи миллии озодихоҳӣ сар шуд. Ба ин мубориза партияи Ҳаракати халқӣ барои озодии Анголо (МПЛА, аз дек. 1977 МПЛА — Партияи меҳнат) сардорӣ кард. Дар давоми 13 соли мубориза қисми зиёди хоки мамлакат аз душманон тоза карда шуд. Баъди сарнагун гаштани тартиботи фашистии Лиссабон (25 апр. 1974) ҳукумати Португалия ҳуқуқи соҳибихтиёрии халқи А.-ро эътироф намуд. 11 нояб. 1975 истиқлолияти А. эълон шуда, он Республикаи Халқии Ангола ном гирифт. СССР яке аз аввалин давлатҳоест, ки РХ Анголаро ба расмият шинохт ва бо он муносибати дипломатӣ муқаррар намуд. 26 маи 1976 дар байни СССР ва РХ Ангола як қатор созишномаҳо оид ба савдо, ҳамкории иқтисодӣ, маданӣ, илмӣ, техникӣ, киштиронӣ ва ғ. ба имзо расид. Февр. 1976 Португалия РХ Анголаро ба расмият шинохт.

Хоҷагӣ. А. мамлакати аграрист. То с. 1975 дар иқтисодиёти он капитали хориҷӣ ҳукмрон буд. Қариб 87% аҳолӣ бо деҳқонӣ машғул аст. Зироати асосӣ: қаҳва, сизал, найшакар, ҷуворимакка, пахта, шолӣ, арзан, маниок ва ғ. Чорво дар ноҳияҳои пашшаи цеце надошта парвариш карда мешавад. А. нефть, алмос, маъдани оҳан истеҳсол мекунад. Истеҳсоли қувваи электр 984 млн кВт/соат (1976) аст. Тӯли р. о. 3,5 ҳаз. км, роҳҳои мошингард 72 ҳаз. км (1972). Бандарҳои асосии баҳрӣ: Кабинда, Мосамедиш, Лобуту, Луанда. А. ба хорича қаҳва, алмос, маъдани оҳан, пахта, орди моҳӣ, ҷуворимакка, сизал бароварда, аз он ҷо мошин, таҷҳизот, нақлиёт, дастгоҳҳои бофандагӣ ва ғ. мегирад. Ҳамкории А. бо СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ рӯ ба тараққист. Воҳиди пул — анголар.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1972 ба ҳар 1000 наф. аҳолӣ таваллуд 50 ва фавт 30 наф. буд; дарозии миёнаи умр — 33 сол (1965—70). Дар А. беморихои сироятӣ ва касалиҳои бачагона хеле зиёданд. С. 1970 дар беморхонаҳо 15,2 ҳаз. кат (2,7 кат ба 1000 наф.) буд, 650 духтур (1 духтур ба 8730 наф.) кор мекард.

Маориф. Баъди истиқлолият (нояб. 1975) таълими умумии ибтидоӣ эълон карда шуд. Тамоми намудҳои таълим бепул аст. Мактаб аз калисо ҷудост. Мактабҳои хусусӣ миллӣ шудаанд. Таълим дар мактаби ибтидоӣ — 4 сол, мактаби миёна — 7 сол (2+3+2) аст. Соли таҳсили 1971/72 дар мактабҳои ибтидоӣ 486 ҳаз. хонанда (мувофиқи маълумоти апр.—маи 1976 — зиёда аз 600 ҳаз. наф.), дар мактабҳои миёна 53485 хонанда таҳсил мекард. Тайёрии касбию техникӣ дар асоси цикли якуми мактаби миёна аз 3 то 5 сол (соли таҳсили 1971/72 13516 хонанда) ба амал бароварда мешавад. С. 1963 дар ш. Луанда ун-т таъсис ёфт, ки соли таҳсили 1974/75 дар он 3146 студент таҳсил мекард. А. дорои китобхонаи миллӣ (Луанда), китобхонаи муниципалӣ, Музей (Луанда ва Дундо) аст.

Матбуот, радио, телевизион. Мувофиқи декрети ҳукумат аз с. 1976 тамоми органҳои матбуот ва радио миллӣ кунонда шудаанд. С. 1976 дар А. 4 газетаи ҳаррӯза ва 15 номгӯй нашрияҳои даврӣ чоп мешуданд. Газетаҳои асосии ҳаррӯза, ки дар Луанда ба забони португалӣ нашр мешаванд: «Диариу ди Луанда» («Diario de Luanda»), таъсисаш с. 1930 ва «Журнал ди Ангола» («Journal de Angola»), таъсисаш с. 1976. Агентии ахбороти миллӣ — Аженсиа Ангола Пресс с. 1975 ташкил шудааст.

А. 15 радиостанция дорад. Идораи радиошунавонии ҳукуматӣ — «Эмис-



сора офисиал ди Ангола» с. 1953 таъсис ёфтааст. Телевизион аз с. 1975 кор мекунад. Вай зери назорати ҳукумат аст.

Адабиёт. Адабиёти А. ба забони португалӣ инкишоф меёбад. Фольклори А. ғанӣ ва гуногун буда, бехтарин намунаҳои онро Ж. Д. Кордейру да Матта дар охири а. 19 таҳти унвони «Ҳикматҳои халқӣ дар мақолҳои анголӣ» чоп карда буд. Аввалин маҷмӯаи шеърҳои лирикии анголӣ низ дар а. 19 ба табъ расидааст (Ж. да Сильва Майа Феррейра — «Ифодаи дарду алами чони ман», 1849 ва Кордейру да Матта — «Беандешагӣ», 1890). Нависандагон П. Ф. Машаду (романи «Моҷарои африкоӣ», 1880) ва А. ди Ассиз Жуниор (романи «Сирри мурдагон», 1934) кӯшидааند, ки шавқи хонандагонро ба маданияти А. бедор кунанд. О. Рибали (тав. 1909) афсонаю мақолҳоро гирд овардааст («Мисосо», ҷ. 1—3, 1961—64). Дар романи ӯ «Уанга» (1951) зиндагӣ ва расму оини халқи А. инъикос ёфтааст. Кастро Сороменью (1910—68) дар ҳикояю романҳои «Замини мурда» (1949) ва «Гардиш» (1957) ҳаёти реалии А.-ро тасвир намуда, ба он аз назари танқиди тезутунди ичтимоӣ нигаристааст. Ба адабиёти муосири А. ҳаракати миллии озодихоҳии зидди мустамликадорони португалӣ (с-ҳои 1961—75) таъсири калон бахшид. Анъанаҳои танқиди ичтимоӣ дар ашъори революционии А. Нето (тав. 1922), насри Л. Виейра (тав. 1935, силсилаи ҳикояҳои «Ҳаёти ҷавонон» ва китоби «Луанда», 1964), назми М. А. Фернандес де Олевейра (тав. 1934), Ф. Коста Андрад (тав. 1936) равшан намоён аст. Адабиёти А. беш аз пеш ба хусусиятҳои мустақили миллӣ сохиб мешавад.

Меъмории ва санъати тасвирӣ. Иқоматгоҳи аҳолии маҳаллӣ аз козаҳои хаспӯши ростқунҷа ё мудаввар иборат аст. Пас аз ба А. омадани европоиҳо шаҳрҳо бунёд шуданд, биноҳоро аз рӯи намунаи меъмории европоӣ огоз гардид. Дар А. аз даврахои пеш санъати аз чӯб тарошидани ҳайкалчаҳои ачоиби инсон ва ҳайвон, никобҳое, ки дар маросимҳои халқи мепӯшанд, инчунин хунарҳои бофандаги (хусусан аз алафу хас) маъмул аст.

Ад.: Олейников И. Н. Ангола, М., 1960.

АНГРЕН (шакли вайроншудаи Оҳангарон), шаҳр (то с. 1946 пос. Ангреншахтстрой) дар вил. Тошкент. Дар сохили чапи д. Оҳангарон воқеъ. Ст. р. о. Аҳол. 102 ҳаз. наф. (1977), асосан русҳо, ӯзбекҳо, тоҷикон ва ғ. Аз А. роҳи автомобильгарди Тошкент—Кӯқанд мегузарад. Марказ саноати ангишти Ӯзбекистон. Корхонаҳои калонаш: комб. «Узбекуголь», з-дҳои конструкциянҳои оҳану бетон, таъмири техникаи саноати кӯҳӣ, цемент, асфальту бетон, комб. маснуоти сафолӣ. Инчунин ГРЭС, станцияи зеризаминии истеҳсоли гази ангишт, корхонаҳои саноати хӯровкорӣ дорад. Дар А. Ин-ти педагогӣ, филиали ин-ти политехникии Тошкент, техникуми кӯҳкорию геологӣ, омӯзишгоҳи тиббӣ, музеи таъриҳии кишваршиносӣ мавҷуданд.

АНГСТРЕМ, воҳиди дарозӣ, ки ба ҳиссаи даҳмиллиардяки метр баробар аст. Ишораташ А. Асосан дар оптика, физикаи атом ва физикаи молекулавӣ истифода мешуд. Ба шарафи физики швед А. Й. Ангстрем чунин ном гирифтааст (1868). Ҳозир ба ҷои А бештар нанометр истифода мешавад, ки ба 10 А баробар аст.

АНГУБӢН (انگبین — шаҳд, асал, асали тоза), а) номи тарона ва оҳанги хеле қадимӣ, ки Борбади Марвӣ ба муносибати иди Наврӯз тасниф намудааст; б) яке аз гӯшаҳои мусиқӣ дар таркиби *«Дувоздаҳмақом»* ва *«Ҳафтмақом»*, ки бештар шӯху нафис аст. *А. Рачабов.*

АНГӮР, меваи ток. А. 4—5 ҳаз. сол пеш аз м. ҳам дар Осиёи Миёна, Арманистон, Озарбойҷон, Афғонистон ва Эрон маълуму машҳур буд. Сайёҳи Юнон Квинт Курций Руф а-ҳои 2—1 то м. навиштааст, ки «Бохтар табиати гуногун дорад, дар он ҷо ток меваи бисьёр ва ширин медиҳад». С. 126 то м. сайёҳ Чжан Кянь қаламчаи токро аз водии Фарғона ба Хитой бурд. Ҳоло дар тамоми дунёё бештар аз 8 ҳаз., дар СССР 2,8 ҳаз., дар республикаҳои Осиёи Миёна 370 ва дар Тоҷикистон 211 навъи А. парвариш меёбад. А. барои тарҳӯрӣ, афшурагирӣ ва мавиз кардан, пухтани мураббо, ширинӣ ва машрубот ба кор меояд. Аз партови А.-и саноати шаробкашӣ моии шароб, спирт, эфири энантӣ, сирко, кислотаи ангур ва ғ. ҳосил мекунанд. Дар таркиби А. 65—85% об, 15—30% қанд, 0,5—14% турш; витамини А, С, В, моддаҳои пектинӣ, намакҳои минералии К, Са, Mg, P, Fe ва Mn мавҷуд аст. Афшураи А. мубодилаи моддаро дар организм беҳтар, гемоглобини хунро зиёд ва системаи асабу мушакро мустаҳкам мекунад. 1 л афшураи он ба организми одам аз 700 то 1000 калория гармӣ медиҳад. А. барои муолиҷаи касалиҳои сил, иллати дил, ҷигар, меъда, гурда, шуш, асаб ва ғ. фоиданок аст. Илми тиб муқаррар кардааст, ки ҳар кас бояд рӯзе 300—500 г А. бихӯрад. Дар Тоҷикистон аз А. шаробҳои машҳури «Роҳатӣ», «Ғонҷӣ», «Ҳисор», «Тоифӣ», «Тагобӣ» тайёр мекунанд, ки сазовори медальҳои тиллоӣ конкурсҳои байналхалқӣ гардидааند. Навъҳои А.-и нимранг, тоифии сурх, *ҳусайнӣ, думи рӯбоҳ, каттақӯрғонӣ* ва *мухчилонро* то мохи май нигоҳ доштан ва ба ҷойҳои дур кашондан мумкин. Навъҳои А. аз ҷиҳати мӯҳлати пухтан ба гурӯҳҳои **пешпазак, миёнапазак, дерпазак** ва аз ҷиҳати истифода ба гурӯҳҳои хӯрданӣ, шаробӣ ва мавизию кишмишӣ ҷудо мешаванд. Дар поён номи навъҳои маҳаллии А. мувофиқи мӯҳлати пухтанашон оварда мешавад:

Навъҳои **пешпазак**: афшон, *дорой*, халилӣ, *чиллагӣ* ва ғ.

Навъҳои **миёнапазак**: бедона ванчӣ, *васарга*, ғайримуқаррар, гарданкӯтоҳ, думи рӯбоҳ, зулфи арӯс, *кадуҳусайнӣ*, кишмиши сафед, кишмиши сиёҳ (шибирғонӣ), лаҳли хӯшадароз, *лаҳли якдона*, лаҳлворӣ, маскаи ҳисорӣ, меҳмонӣ, мирзохӯрак, мухчилонӣ, хӯшадарози сурх, расмӣ, сабзи карс, *тагобӣ, фахрӣ, чарас*, шакарангур, шукурти сафеду сурх, якдонаи сурх, *қурбони мошӣ*, ҳусайнӣ, *ҷавз* ва ҳ.

Навъҳои **дерпазак**: азимбой, алиток, ангури сиёҳ, *бахтиёрӣ*, бедонаи сиёҳ, биҳиштӣ, васарғаи сиёҳ, гудунги панҷакентӣ, *дили кафтар*, зардангур, *исфисорӣ, каттақӯрғонӣ* (маска), лаҳли сурх, лаҳли холдор, маскаангури дегрезӣ, маскаи сиёҳ, *мехчаобак, нимранг*, ороизебӣ, одинаи сурх, резак, сангинӣ, сариангуштӣ, сиёҳи бедона, сиркой, танақӯзӣ, тирамоҳӣ, тодакчӣ, *тоифӣ*, туркманӣ, тутак, тухми кафтар, устоназрӣ, хамирак, чашми гӯсола, шакаробак, широбак, шутурапгур, қаланфурӣ, чигарӣ ва ғ. Дар республика инчунин алеатико, асилқаро, баян-ширей жемчуг-сабо, морастель, мускати сурх, мускати венгерӣ, опорто, рислинг, ркацителӣ, саперавӣ, тавквервӣ, тербош, чауш, ҳиндгонӣ барин 26 навъи А.-и мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ва диг. республикаҳои иттифоқӣ парвариш мешаванд.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 160—161.

Ад.: Ампелография СССР, ч. 2—6, М., 1965; Ампелография СССР. Малораспространённые сорта винограда, ч. 1—3, М., 1965. *Н. Шукуров.*

АНГУРБОҒ, деҳа дар С. қ. Оқгазаи р-ни Вахш, вил. Қӯрғонтеппа, 8 км дуртар аз маркази район. Аҳол. 833 наф. (1976), асосан тоҷикон. Роҳи деҳа автомобильгард, асфальт. З-ди вино дорад. Сокинонаш асосан бо токдорӣ (407 га) машғуланд. Дорои мактаби миёна, клуб, китобхона, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа ва магазин аст. Заминҳо аз канали д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

АНГУРИ САҒАК, ниг. *Авранҷ.*

АНГУРКАНӢ, ҷамъоварии ҳосили токзор. Вақти кандани ангур ба хусусияти навъ ва истифодаи он вобаста аст. Навъҳои пешпазаки *дорой, чиллагӣ* ва жемчуг-саборо, ки дар миёнаҳои моҳи июнь мепазанд, то охири июль ҷамъоварӣ мекунанд. Кишмиши сафед ва сиёҳро барои хушконидан ва тайёр кардани мавизи соягӣ ва офтобӣ охири авг. ё аввали сент. мекананд. Навъҳои мавизии *каттақӯрғонӣ, васарга, ҷавз*, шакарангур, *лаҳли якдона* ва *тагобиро*

то 15 сент. канда, мавизи обҷӯш мекунанд. Дар сари вақт ҷамъоварӣ накардани ангур боиси паст шудани сифати мавиз мегардад. Агар барои шароб ангур канданӣ шаванд, дарачаи ширинии онро ба ҳисоб мегиранд. Ангури шароби иштиҳо бояд 17—22% қанд, 6—9 г/л турш, ангури шароби шампон 16—19% қанд, 7—10 г/л турш; ангури шароби баланд — аз 25% зиёд қанд ва ангури афшура 17—20% қанд ва 5—7 г/л турш дошта бошад. Барои шароб ангурро аз рӯи павъҳо ба з-д месупоранд. Он навъҳои ангурро, ки барои зимистон нигоҳ медоранд, охири окт. пеш аз барфу борон мекананд. *Н. Шукуров.*

АНГУ́ШТ, қисми интиҳоии дасту пои одам ва ҳайвонот, ки аз чиҳати сохт ва таҳаввулаш онро ба боли баъзе моҳиҳо шабоҳат медиҳанд. Ба ақидаи А. Н. Северцов А.-ҳо дар натиҷаи таҳаввул кам-кам содда шуда, аз ҳамдигар ҷудо ва миқдоран кам шуданд, устухони соид соддатар гардидааст. Дар бештари мӯҳрадорон аз 7 устухони аввалини соид дар натиҷаи ба тарзи ҳаёт мутобиқ шудани онҳо 5-тоаш боқӣ мондааст. Пои пеши амфибия (як навъ ҳайвони обию хокӣ) 5 ва пои ақибаш 4 А.-и кӯтоҳ дорад, ки воситаи ҳаракат мебошанд. Дар паррандаҳо пои пеш ба бол ва 3 А.-и аввали он ба фаланга (устухони кӯтоҳи найчашакл)-и боқия табдил ёфта, дар пои ақибашон 4 А.-и камҳаракат боқӣ мондааст. Дар ширхӯрон шакли дасту по ва А. вобаста ба вазифааш тағйир ёфтааст. А.-и одам дар натиҷаи ростии бадан ва ба узви корӣ табдил ёфтани даст ба таври куллӣ тағйир ёфтааст. А. қисми муҳимми даст буда, барои доштани чиз, иҷрои амал ва г. хизмат мекунад. Сарангушт (А.-и ибҳом) функцияи идоракуниро иҷро менамояд, А.-и саббоба (А.-и ишорат) пас аз сарангушт ҳаракат мекунад, А.-и вусто (А.-и миёна) барои бо сарангушт ва А.-и саббоба чангаквор чизеро доштан хизмат мекунанд. А.-и бинсир ва хинсир (А.-и ятимак) ба онҳо ёрӣ мерасонанд. Ҳар як А. фаланга, мушак, раги хун ва лимфа дорад. Пӯсти А. хусусиятҳои хос дорад ва асабҳояш бисьёранд. Рецепторҳои А. (хусусан интиҳои он) чун аъзои ҳис хизмат мекунанд. Агар процесси инкишоф дар батн халал бинад, мумкин аст, ки адади А. каму зиёд шавад ё кӯдак бе А. таваллуд ёбад. Беангуштӣ — адактилия, зиёдангуштӣ — полидактилия ва камангуштӣ — олигодактилия ном гирифтааст.

АНГУ́ШТ, воҳиди тахминии ченак, ангушти дастро барои андоза гирифтани қаду бари чизҳои хурди то 15—18 см истифода мекарданд. То пайдо гардидани метр вачаб ва А. маъмул буд. Вачаб ва А.-ро бештар ҳангоми буридани либос истифода мебурданд. Он қисми матоъ, ки аз вачаб боқӣ мондааст, бо А. чен карда мешуд. Мас. як вачабу чор ангушт. Вачаб ва А.-ро ҳоло ҳам ба кор мебаранд. *З. А. Широкова.*

АНГУШТАРИ́Н, чала, афзори ороишест, ки аз нуқра, тилло ва диг. фулузот сохта ба ангушт меандозанд. Дар давраи палеолит А-и устухонӣ, дар давраи неолит — А-и сангӣ ва дар асри биринҷӣ—А.-и фулузӣ пайдо шуд. А. дар сарзамини тоҷикон аз қадим маъмул буда, дар давраи мо низ асбоби зинати даст аст. Онро мувофиқи табъ хотамкорӣ ва нақшу нигор мекунанд. А. навъҳои гуногун дорад: А.-и чашмакдорро дар маҳалҳои гуногун аз рӯи сохти ҳалқааш пашшахона, панҷарадор, бодомча ва г. меноманд. А.-и мардона низ хаст.

Навъҳои ангуштарин. Аз бозьёфтҳои Шаҳристон (1957).

Ин гуна А. аввал дар Миср Қадим, баъд дар ҷойҳои дигар, аз ҷумла дар Тоҷикистон паҳн шуд. Нигини ин А.-ро бо катибаву тасвирот зинат медоданд. А. вазифаи мӯҳрро ҳам адо мекард. Духтарҳо аз 10—14-солагӣ ба ангуштонашон А. меандохтанд. А. дар қатори дигар асбобҳои зебу зинат ба маҳри арӯс ҳамчун тӯҳфаи домод дохил мешуд. Замонҳои пеш А. доштани занҳо ҳатмӣ буд, зеро онро дар рафти ба ҷо овардани ягон оин рамзи тозагии даст мешумурданд. Дар замони мо бо ташаккули анъанаҳои нав А. гирифтани зануну мардҳо, хусусан наварӯсон расм шудааст. Арӯс ва домод рӯзи қайди ақди никоҳ чун рамзи ягонагӣ, садоқат ва вафодорӣ ба дасти якдигар А. меандозанд. *Т. И. Мезурнова, Л. Чвырь.*

АНГУШТЗАНӢ, усули ангушт зада, аз садои бадан муоина кардани беморӣ. Аъзо ва бофтаҳои бадан вобаста ба конструкцияи ҷойгиршавиашон ҳангоми А. ҳар хел овоз бароварда метавонанд. А.-и топографӣ ҳам ҳаст. Бо ин роҳ ҷои узвро муайян мекунанд.

АНГУШТПОНА́, ангуштвона, انگشتپانه афзорест, ки дар вақти дарздӯзӣ барои тела додани сӯзан ба сари ангушт меандозанд. Аз фулуз месозанд. А. шакли цилиндрӣ дошта, барои налағжидани сӯзан рӯяшро аз берун чуқуракдор мекунанд. А.-ро ҳангоми дӯхтани кӯрпа, ҷома ва умуман либос аз матоъ дурушт истифода бурда, одатан ба ангушти миёна мепӯшанд. *Л. Чвырь.*

АНД, кӯҳҳои Анд (анта, ба забони инкҳо — мис, кӯҳҳои мисдор), Кордильерахои Анд (Andes, Cordillera de Andes), системаи кӯҳӣ, ки Америкаи Ҷанубиро аз Ғ. ва Шим. фаро гирифтааст. Дар ҷаҳон дарозта-



рин (9000 км) ва яке аз кӯҳҳои баландтарин аст. Қуллаи баландтаринаш Аконкагуа (6960 м). А. аз силсилаи қ-кӯҳҳои асосан меридионалии мутавозӣ — Кордильерахои Шарқӣ, Марказӣ, Ғарбӣ ва Соҳилӣ иборат буда, байни онхо пуштакӯҳҳо (дар Боливия, Перу) ва пастхамиҳо воқеанд. А.—зонаи серзилзила аст: қариб 70 вулкон, аз ҷумла 30 вулкони амалкунанда (Котопахи, Мисти, Майпо ва г.) дорад. Аз рӯи хусусияти структурию геоморфологӣ А. аз Шим. ба Ҷ. ба чанд қитъа тақсим мешавад: А.-и Кариб, А.-и Шимоли Ғарбӣ, А.-и Экуадор, А.-и Перу, А.-и Марказӣ, А.-и Чилию Аргентина ва А.-и Патагония. А. сарватҳои зеризаминии бой дорад. Захираи калони нефть дар пастхамихои Маракайбо, Магдамна, дар доманаи кӯҳхо (Венесуэла, Перу, Боливия, Аргентина); қалъагӣ, нукра, сурб, рух, вольфрам, ванадий, сурма, висмут ва г. (дар Перу ва Боливия), мис (дар Чили), платина ва тилло (дар Колумбия ва Перу) мавҷуданд. Иклими А. гуногун аст: дар доманаи кӯҳҳои қисмҳои шимоли ва марказии А. — тропикӣ ва экваторӣ, харор. хаво доимо аз 20° С баланд аст; ҷанубтар аз он иқлими мӯътадил, дар кӯҳхо мӯътадил ва хунук. Боришоти солона дар ғарби Колумбия ва ҷанубии Чили бештар аз 6000 мм, дар нишебаҳои шарқии минтақаи экватори қариб 3000 мм. Дар соҳилҳои Перу ва шимоли Чили — 100 мм ва аз он кам. Дар Шим. ва маркази А. хати барф баланд меистад. Дар Ҷ. барфҳои доими аз баландии 1000—1200 м сар мешаванд. Пирьяхҳо бисьёр буда, баъзеи онхо то уқьёнус рафта мерасанд. А. бахшҳои байни уқьёнусро мебошад, аз ин ҷо дарьёи калонтарини Америкаи Ҷанубӣ — Амазонка оғоз меёбад. Дар А. яке аз калонтарин кӯлҳои баландкӯхи дунёё — Титикака воқеъ аст. Нишебаҳои серпаи шим. ғарбии А. то ҷанубии А.-и Марказӣ бо бешазори экваторию тропикии кӯҳӣ пӯшидаанд, ки хокашон латерити аст. Дар А.-и Кариб бешаҳои баргрез ва хоки сурхи кӯҳӣ; дар А.-и субтропикии Чили — бешазорони ҳамешасабз ва хоки кахваранг дида мешавад. Аз 38° а. ҷ. ба самти Ҷ. бешаҳои серпаи ҳамешасабз ва омехтаи хокашон сурх воқеанд. Пахнкӯҳҳои баланд набототи ба худ хос доранд: дар Шим. марзҳои баландкӯхи экватори — парамос; дар А.-и Перу ва шим. шарқии Пуна даштҳои тропикӣ — халка; дар ҷан. ғарби Пуна ва саросари соҳилҳои ук. Ором дар Ғ. хоку наботот биебонианд. А — макони дарахти хина, кока, картошка ва г. А. олами ба худ хоси хайвонот дорад: лама, гавазнҳои эндемии пуду ва уэмал; аз ҳояндаҳо дегу, шиншилла, инчунин парандаҳои гуногун, монанди кондор ва г. бисьёранд.

АНДАЛЕБ عندليب Нурмуҳаммад Ғариб (такр. 1712—1780), шоири туркман. А. адабиёти классикии форс-тоҷик ва эҷодиёти даҳонакии халқи туркманро хуб медонист. Бисьёр сюжетҳои адабиёти хаттӣ ва фольклорро истифода бурда, достонҳои «Лайлию Маҷнун», «Юсуфу Зулайхо», «Оғузнома»-ро таълиф кардааст. Дар «Насимӣ» ном достони А. тақдири фоҷиавии шоири а. 14 Насимӣ, ки аз дасти ҳукуматдорон кушта шудааст, инъикос шудааст. А. «Чиқир» («Чархи фалак») ном асари лирикие дорад, ки меҳнати вазнин ва тоқатфарсои деҳқонони туркманро тасвир кардааст.

АНДАЛУЗИТ (аз номи музофоти Андалусияи Испания), минерал, силикати алюминий $AlOAl[SiO_4]$. Баъзан омехтаҳои охан ва манган ҳам дорад. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ буда, дар шакли кристаллҳои қаламчаю призмамонанд ё донаҳои шаклашон вайрон вомехӯрад. Рангаш хокистарӣ, хокистарии сурхтоб ва гулобӣ. Ҷилояш шишагун. Сахтиаш 7,0—7,5; зичиаш 3100—3200 кг/м³; оташтобовар. А. минерали хоси ҷинсҳои метаморфӣ—варақасангу гнейсҳо аст. Гоҳо дар таркиби кварцитҳои дуюмбора, баъзан дар пегматит ва пошхӯрдаҳо низ дучор меояд. А. дар саноати чинӣ ва электрометаллургия чун ашьёи оташтобовар ба кор меравад. Конҳои калони он дар нимчаз. Кола, Қазоқистон ёфт шудаанд.

АНДАЛУС, кӯҳҳои Андалус, кӯҳҳои Бет, системаи кӯҳӣ дар ҷан. шарқӣ ва ҷан. нимчаз. Пиреней дар Испания. А. қариб 630 км тӯл кашидааст. Баландиаш то 3478 м (к. Муласен). Хамиҳои тектоникӣ ва водиҳо А.-ро ба чандин қ-кӯҳҳо ҷудо кардаанд. А. асосан аз ҷинсҳои қадимии кристаллӣ ва оҳаксангҳо таркиб ёфтааст. Рельефҳои карстӣ бисьёранд. Иқлимаш баҳриёнаазаминист. Дар хамӣ ва нишебаи кӯҳҳо бутта, ҷангали дарахтони ҳамешасабз ва баргрез; дар минтақаҳои назди соҳил — растаниҳои цитрусӣ, дарахти зайтун ва хурмо меруянд. Конҳои маъдани охан дорад.

АНДАЛУСИЯ (Andalusia), вилояти таърихӣ дар Испанияи Ҷанубӣ. Масоҳ. 87,3 ҳаз. км². Аҳол. 5,9 млн наф. (1969). 8 музофотро дарбар мегирад: Альмерия, Гранада, Кадис, Кӯрдоб, Малага, Севилья, Уэльва, Хаэн. Шаҳри асосиаш Севилья. Ривояте ҳаст, ки номи А. ба вандалҳо нисбат дорад. Арабҳо ибтидои а. 8 қисми зиёди нимчаз. Пиренейро истило карда, тамоми сарзамини Испанияи мусулмониро А. (ал-Андалус) номиданд. Дар асрҳои миёна дар А. (дар ш-ҳои Кӯрдоб, Севилья, Гранада, Малага ва диг.) касбу ҳунар, савдо, заминдории калон ривоҷ ёфт.

АНДАМ (Dracaena draco), дарахти танааш ғафси сершох, мансуби *ҳамҷарифҳо*. 5—6 ҳаз. сол умр мебинад. Баландиаш то 20 м. Барги борики шамшершакли ғафс, гули калони дуҷинса дорад. Ҳангоми буридани пӯстлохаш зифт мерезад, ки дар

Андам: 1 — шохчаи гулдор; 2 — гул; 3 — буриши мева.

мумиё кардани ҷасад ва дар истеҳсоли лак истифода мебаранд. Аз нахи барги А. ҳар гуна асбобҳо мебофанд. А. дар ҷаз-ҳои Канар, Африка ва Осиёи Ҷанубӣ бисьёр аст.

АНДАМАН, Ҷазираҳои Андаман, галаҷазира дар ук. Ҳинд, байни хал. Бангола ва б. Андаман. Аз ҷиҳати маъмурӣ қисми штати ҷаз-ҳои Андаман ва Никобари Ҳиндустон мебошад. Ҷаз-ҳои калонтаринаш: Андамани Шимолӣ, Андамани Миёна, Андамани Ҷанубӣ, Андамани Хурд. Масоҳ. 6,5 ҳаз. км². Аҳол. 115,1 ҳаз. наф. (1971). Ҷаз-ҳои А. куллаҳои кӯҳҳои зериобӣ буда, бо рифҳои марҷонӣ иҳота шудаанд. Сатҳи ҷазираҳо ноҳамвор, то 732 м баланд. Бо бешаҳои тропикӣ пӯшида шудаанд. Нахл, порҷил, шолӣ ва г. парвариш карда мешавад. Барои содирот чӯби дарахтони нодир ва копра (ҷавзи ҳиндӣ) тайёр мекунанд. Андаманиҳо бо шикор ва моҳидорӣ машғуланд. Ягона шаҳр Порт-Блэр.

АНДАРБАК, деҳа, маркази С. қ. Язгуломи р-ни Ванҷи ВАБК. Дар соҳили чапи д. Язгулом воқеъ; роҳаш мошингард. То маркази район 70 км. Аҳол. 538 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, китобхона, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — тамокупарварӣ, кирмакдорӣ, чорводорию обчакорӣ. Заминҳо аз д. Андарбак обьёрӣ мешаванд.

АНДАРЗ, ниг. *Пандномa*.

«АНДАРЗИ ХУСРАВИ КАВОТӢН», панди Хусрави Қубод, пандномаи адабиёти қадими халқҳои эронӣ, ки ба забони паҳлавӣ таълиф шудааст. Матни асар то имрӯз боқист. Таълифи он ба шоҳи сосонӣ Хусрави Анӯшервон (531—579) нисбат дода шуда, панду насиҳатҳои китоб аз забони ӯ баён ёфтаанд. «А. Х. К.» сюжети ягона надорад, матолиби он асосан дар шакли афоризмҳо ва пандҳои кӯтоҳу рехта баён шуда, бисьёр масъалаҳои ахлоқу одоби замони Сосониёнро дарбар мегирад. Аксари пандҳои ин китоб, аз қабили неки ба мардумону муборизаи бо ноодамон то имрӯз аҳамияти ҳудро аз даст надодаанд. «А. Х. К.» ба форсии имрӯза тарҷума ва нашр шудааст (Теҳрон, 1951).

Ад.: Брагинский И. С., Из истории таджикской народной поэзии, М., 1956; Ян Рипка, История персидской и таджикской литературы, М., 1970.
Ш. Асроров.

АНДАРО́Б, деҳа, маркази С. ҚҲ. Андароб, р-ни Ишкошими ВАБК, дар сари роҳи мошингарди Хоруғ — Ишкошим. Маркази с-зи «Гармчашма». Аз А. то район 75 км. Аҳол. 1400 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, клуб дорад. Сокинонаш бо ғаллакорӣ, чорводорӣ машғуланд.

АНДАРСО́Й, деҳа дар С. ҚҲ. Нов, р-ни Нови вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Димитров. То маркази С. ҚҲ. 11 км, то район 12 км, роҳаш асфальт. Аҳол. 711 наф. (1976), асосан ӯзбекҳо ва тоҷикон. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — ғаллакорӣ, пахтакорӣ. Заминҳо аз сои Исфана обьёрӣ мешаванд.

АНДАРУ́Н, ҳавлии дарун, ки хоси санъати меъмории Шарқ аст. А. қисми зононаи манзилгоҳ аст, ки ба он даромадани марди бегона манъ буд. Вобаста ба муҳити атроф, табиат, шароит ва ҷой шакл ва навъҳои зиёди А. ба вуҷуд омадаанд. *Ҳ. Ҳакимов.*

АНДЕ́ЗИТ (аз номи к-ҳои Анд), ҷинси кӯҳии эффузивии структураташ порфирӣ. Асосан аз шпатҳои даштӣ таркиб ёфта, ба миқдори каме биотит, авгит, амфибол, пироксен, баъзан оливин ё кварц дорад. Рангаш сиёҳ, сиёҳтоби хокистарӣ, бӯр ва ғ. Дар натиҷаи хунук ва шах шудани лаваи вулқонҳо ба вуҷуд меояд. Қисми зиёди лаваҳои вулқонҳои қадима ва ҳозира аз базальту андезит иборатанд. Онҳо дар ноҳияҳои вулқонҳои қадима — Урал, Қазоқистони Марказӣ ва Ӯзбекистону Тоҷикистон (қ-кӯҳҳои Чатқал, Қурама, Ҳисор, Паси Олой, Дарвоз ва ғ.) ва ҳозира (Камчатка) майдонҳои васеъро ишғол мекунанд. А. чун масолеҳи бинокорӣ ва ашёи кислотатобовар ба кор меравад.

АНДЕРСЕН (Andersen) Ҳанс Кристиан (2. 4. 1805, Оденсе — 4. 8. 1875, Копенгаген), нависандаи даниягӣ. Писари мӯзадӯз. Роҳи эҷодиашро аз навиштани пьеса ва шеър (1826—27) сар кардааст. Дар романҳои «Импровизатор» (1835), маҷмӯаи новеллаҳои «Китоби суратҳои бесурат» (1840), асари тарҷумаиҳолии «Қиссаи ҳаёти ман» (1846) ва ғ. қабоҳату разолат, бераҳмӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва нажодпарастии замони худро фош кардааст. Вале ба таърихи адабиёти ҷаҳонӣ А. ҳамчун устоди афсона дохил шудааст. Ба қатори беҳтарин афсонаҳои А. «Аскарчаи матини сурбӣ» (1838, тарҷ. тоҷ. 1956), «Булбул» (1843), «Мурғобичаи баднамо» (1843), «Маликаи барфӣ» (1844), «Духтарчаи гӯгирдбадаст» (1845, тарҷ. 1973), «Соя» (1847), «Модар» (1848) дохил мешаванд. Дар афсонаҳои А. романтика ва реализм, таҳайюлот ва мазҳака, баъзан киноя ва ҳаҷв ба таври ҳайратангез омезиш ёфтааст, ки намунаи барҷастаи он афсонаи «Куртаи нави подшоҳ» аст. Ҳаҷвиёти А. дуньёи худбинию худписандӣ, фоидаҷӯӣ, хушомад ва кибрро зери танқид мегирифт. Афсонаҳои А. байни китобхонҳои хурдсоли тоҷик низ шӯҳрат доранд.

Ғайр аз нашри алоҳидаи «Дюймовочка» (1938) ва «Мурғобичаи баднамо» (1953) ду маҷмуаи «Афсонаҳо»-и А. (1959, 1973) ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

Ад.: Муравьёва И., Андерсен, М., 1961.

АНДЕРСЕН-НЕКСЕ́ (Andersen Nexö, фам. асл. Андерсен; тахал. Нексё) Мартин (26. 6. 1869, Копенгаген — 1. 6. 1954, Дрезден), нависандаи даниягӣ, аз сангтарошӣ то ба дарачаи асосгузори адабиёти пролетарии Дания расидааст. Аз с. 1893 асарҳояш чоп шудаанд. Романи «Пелеи истилогар» (ҷ. 1—4, 1906—10)-ро В. И. Ленин асари адабиёти пролетарӣ донистааст. Дар романи «Дитте — фарзанди инсон» (ҷ. 1—5, 1917—21) қаҳрамони асосӣ як зани пролетар мебошад. Ба А.-Н. Рев. Октябрь таъсири калон расонид. Вай яке аз асосгузорони Партияи Коммунистии Дания мебошад. Дар китоби «Ба истиқболи рӯзи нав» (1923) сафари ӯ ба Россияи Советӣ (1922) тасвир ёфтааст. Қаҳрамони силсилаи романҳои «Мортени Сурх» (1945—48), «Насли аз даст рафта» (1948) ва «Жаннета» (нотамом, 1957) Мортен бо таълимоти Ленин шинос шуда ба социализм эътиқод пайдо мекунад. С-ҳои 1944—45 А.-Н. дар СССР зиндагӣ кардааст. Дар мақолаҳо (маҷмӯаи «Мактубҳо ба ҳамдиёр», 1945) ва нутқҳо ҳамватанонашро барои ба ҳаракати Муқобилат иштирок кардан даъват менамуд. С. 1945 ба Дания бармешт. С. 1950 ба ҳайати Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ интихоб шуд. Охири умрашро дар РДГ гузаронд. Ҳукумати РДГ А.-Н.-ро бо Мукофоти миллӣ сарфароз гардонд. Аъзои Комитети Мукофоти байналхалқии ленинии «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» буд. Аз китоби «Ба истиқболи рӯзи нав» порчае ба тоҷикӣ тарҷума шудааст (1967).

Ад.: Крымова М., Погодин А., Мартин Андерсен-Нексё, М., 1960.

АНДИГО́Н, деҳа дар С. ҚҲ. Кофарниҳон, р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Съезди 22 партия», дар сари роҳи Душанбе — Помир. То маркази район 3 км. Роҳ асфальт. Аҳол. 1025 наф. (1976), асосан тоҷикон, ӯзбекҳо, русҳо. Мактаби миёна, омӯзишгоҳи касбию техникӣ, клуб, пункти тиббӣ, боғчаи бачагона, нонвойхона, сартарошхона, ошхонаю чойхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ—пахтакорию обчакорӣ. Заминҳо аз каналҳо д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

АНДИГО́Н, чашмаи минералӣ дар 3.5 км ҷан. шарқии Орҷоникидзеобод, дар терр. к-зи «Коммунизм». Оби минералии гидрогенсульфидии навъи Сочи — Мацеста. Аз пармачоҳ (чуқ. 1800 м) ба миқдори 4 л/сон. ҷорист. Ҳарор. дар сарчашма 54° С; минералнокиаш 29 г/л; таркибаш хлориди натрию кальций дорад; обаш андаке радиоактивист. Ҳамчун оби шифобахш истифода мебаранд.

АНДИҶО́Н, шаҳр, маркази вил. Андиҷони РСС Ӯзб., дар қисми ҷан. шарқии водии Фарғона. Ӯзели р. о. ва шоссе (ба самтҳои Тошкент, Намангон, Ӯш, Ҷалолобод). Аҳол. 224 ҳаз. наф. (1977). З-дҳои мошинсозӣ (барои ирригация ва корхонаҳои пахта), электротехникӣ, пахта, равған, консерв, ф-каҳои пойафзол, дӯзандагӣ ва трикотаж дорад. Дорои ин-тҳои педагогӣ, педагогии таълими забонҳо, тибб, пахтакорӣ, 7 мактаби миёнаи махсус, театри мусиқию драма ва мазҳака, театри лӯхтак, музеи таърихии кишваршиносӣ мебошад. С. 1974 дар А. филиали музеи адабиёти АФ РСС Ӯзб. кушода шуд. Атрофи А. конҳои нефту газ дорад.

А. аз а. 9 маълум буда, дар а. 15 ба туфайли дар роҳи корвонгарди Хитой воқеъ гардиданаш, ба маркази тиҷорат ва ҳунармандии водии Фарғона табдил ёфт. 9 янв. 1876 А. ба ихтиёри қӯшунҳои рус гузашт. С. 1902 аз заминҷунбӣ хароб гардид, дере нагузашта барқарор шуд. Аввали а. 20 яке аз марказҳои калони иқтисодӣ ва савдою саноат гардид.

АНДИҶО́Н, вилоят дар РСС Ӯзб. Санаи ташкилаш 6. 3. 1941. Дар қисми шарқии водии Фарғона ҷойгир аст. Масоҳ. 4,2 ҳаз. км². Аҳол. 1292 ҳаз наф. (1977), ӯзбекҳо, тоҷикон, қирғизҳо, русҳо, украинҳо, уйғурҳо, тоторҳо, яҳудиҳо ва диг. халқҳо зиндагонӣ мекунанд. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 307,6 наф. Вилоят 12 райони маъмурӣ, 8 шаҳр (Андиҷон, Ленинск, Шаҳрихон, Советобод, Марҳамат, Охунбобоев, Қӯрғонтеппа, Пахтаобод), 3 птш дорад. Марказаш — ш. Андиҷон.

Сатҳи терр. вилоят асосан аз ҳамворӣ, қ-теппаҳои Қувва — Андиҷон ва адирҳо иборат аст. Ҳамворӣ аз Ғ. ба Ш. тадричан баланд шуда меравад (то 400—650 м). Иқлими А. ниҳоят континентӣ. Тобистон гарми бардавом, ҳарор. миёнаи июль 27,3°С. Зимистон сард, ҳарор. миёнаи янв.

—3°С. Боришоти миёнаи солона 226 мм. Заминҳои вилоят аз Қародарьё, Аравонсой, Оқбура, инчунин каналҳои Калони Фарғона ва Ҷануби Фарғона обьёрӣ мешаванд. Хоки ҳамвориҳо—хокистарранг, марғзорӣ, марғзорию ботлоқӣ. Дар ҳамвориҳо шӯра, шувоғ, най, дар адирҳо — растаниҳои хоклес (эфемерӣ), дар нишебаи кӯҳҳо — писта, бодом меруяд. Аз ҳайвонот гург, рӯбоҳ, хуки ваҳшӣ, инчунин паррандаҳои гуногун вомехӯранд. Дар Хӯҷаобод, Чалақудуқ ва Марҳамат конҳои газу нефть, ангишт, гач, оҳаксанг мавҷуданд.

Дар вил. А. саноати энергетика, нефту газ, мошинсозӣ, химия, электротехникӣ, масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ ва сабук тараққӣ кардааст. З-дҳои «Подъёмник», «Коммунар», «Андиҷонирмаш», «Электроаппарат», таҷҳизоти техникӣ — насос, механизмҳои борбардору борфурор, асбоб, скрепер, автобензоцистерна ва ғ. мебароранд. Таҷҳизоти техникӣ, маҳсулоти комб. равғани вил. А. ба мамлакатҳои хориҷӣ бароварда мешавад. Соҳаҳои асосии х. қ.— пахтакорӣ, кирмакдорӣ, шоликорӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, чорводорӣ. Аз 456 ҳаз. га майдони умумӣ 238,1 ҳаз. га замини корам, 193,4 ҳаз. га чарогоҳ, алафзор ва партов, 17,1 ҳаз. га боғу токзор аст. Саршумори чорвои вилоят (1973; ба ҳисоби ҳаз. сар.): чорвои калони шохдор — 225, гӯсфанд — 315, хук — 14,5, буз — 1,6. Вил. А. 140 к-з, 18 с-з дорад (1973).

Соли таҳсили 1974/75 вил. А. 600 мактаби маълумоти умумӣ ва 14 мактаби миёнаи махсус, ин-тҳои тиббӣ, педагоги, педагогии таълими забонҳо, пахтакорӣ дошт. Дар А. театри драма ва мазҳакаи ба номи Охунбобоев, театри лӯхтак, 555 китобхонаи оммави, 367 муассисаи маданию равшаннамой мавҷуданд.

Тули р. о. 169 км. Хатти р. о. вил. А.-ро бо шаҳри Қаросу, Ҷалолобод, Наманган, Қӯқанд, Ӯш ва ғ. мепайвандад. 2 ҳаз. км роҳҳои автомобильгарди вил. асфальт. Газопроводи Хӯҷаобод — Андиҷон — Фарғона, Ниёзбӣтир — Марҳамат сохта шудааст.

Э. Тошбеков.

АНДОВА, асбоби гилкорӣ, ки барои молидан ва тахту ҳамвор кардани гаҷҳок, регоҳак, каҳгил, гач ва ғ. бар рӯи чизе (бом, девор, суфа) ба кор мебаранд. А. одатан оҳани тунуки 2 миллиметраест, ки 30—40 см ҳаҷ. 8—10 см бар ва дастаи чӯбин ё оҳанин дорад. Ҳангоми молидани рег, оҳак ду навъи андова кор фармуда мешавад: яке — А.-и калони чӯбин, ки дарозиаш 90 см ва бараш 12 см аст, дигаре — А-и хурди пардоз, ки 32 см дарозӣ ва 10 см бар дорад.

Андова

Н. Турсунов.

АНДОЗА́, категорияи фалсафӣ, ки ягонагии сифат ва миқдори предмет, сабабгории мутақобили ин ҷиҳатҳоро нишон медиҳад, таносуби хоси миқдор ва сифати объектро ифода мекунад, ҳаддест, ки дар он тағйироти миқдорӣ тағйироти пурраи сифатии ашьёро ба вуҷуд намеорад. Чунончи, А.-и ҳолати сахтии об ҳарорати аз 0° С пасттар, А.-и ҳолати моеъи об аз 0° то 100°, А.-и ҳолати газмонанди об ҳарорати аз 100° С баландтар аст. Тағйир ёфтани А. боиси ба вуҷуд омадани таносуби нави миқдору сифат мегардад. Лаҳзаи аз як А. ба А.-и дигар гузаштанро нуқтаи асосии гузариш аз ҳолате ба ҳолати дигар меноманд. Мас. дар биология нуқтаҳои асосии гузариш тавлид, инкишоф ва ҳалокати организм мебошад.

Н. Қулматов.

АНДОЗА́И АРЗИШ, ниг. *Пул.*

АНДОЗАНОКИИ БУЗУРГИИ ФИЗИКӢ, ифодае, ки алоқаи бузургиҳои физикиро бо бузургиҳои асосии системаи воҳидҳо нишон медиҳад. Ташкилоти байналхалқии чену вазн системаи воҳидҳоеро қабул кард, ки аз ҳафт бузургии асосии новобаста иборат аст. Чунончи, дар *Системаи воҳидҳои байналхалқӣ* (СИ) ба сифати бузургиҳои асосӣ: дарозӣ (L), масса (M), вақт (T), ҳарорат (Θ), қувваи ҷараён (A) ва ғ. қабул шудааст. Воҳиди бузургиҳои дигар *(суръат, кор, гармигунҷоиш, ноқилияти электрикӣ* ва ғ.) бузургиҳои ҳосилавӣ мебошанд. Вобастагии байни бузургиҳои асосӣ ва ҳосилавиро ин тавр муайян мекунанд:

$$[P] = L^{\alpha} M^{\beta} T^{\gamma} \Theta^{\delta} A^{\tau} \ldots$$

Нишондиҳандаи дараҷаҳо (α, β, γ, δ, τ, ...) қиматҳои бутун, каср, мусбат, манфӣ ва нолро гирифта метавонанд. Мас., формулаҳои андозанокии суръат, кор, гармигунҷоиш ва ноқилияти электрикӣ чунин аст:

$$[v] = L M^{0} T^{-1}, \quad [A] = L^{2} M T^{-2},$$
$$[c] = L^{2} M T^{-2\Theta^{-1}} \text{ ва } [G] = L^{-2} M^{-1} T^{3} I^{2}$$

Дар сурати $\alpha = \beta = \gamma = \delta = \tau = 0$ будан ин бузургиҳо нисбат ба бузургиҳои асосии андозаи нолӣ доранд.

Формулаи А. б. ф. дар системаи воҳидҳои гуногун якхела буда, қимати бузургиҳо танҳо ба воҳиди ченкунӣ вобаста аст.

А. Норқулов.

АНДОЗИ ГАРДИШИ МОЛ, яке аз навъҳои ба бюҷети СССР гузаронидани як қисми даромади холиси ҷамъият, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ба вуҷуд меояд. А. г. м., ки ба воситаи *бюҷети давлатӣ* барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти халқ истифода мешавад, категорияи мустақили иқтисодӣ буда, зарурати мувофиқи плани тақсим ва истифода кардани андӯхти маблаг ва мустаҳкам намудани *ҳисоби хоҷагии* корхонаҳои социалистиро ифода мекунад. Тафовути А. г. м. аз ҳоиди корхона дар ин аст, ки пурра ба ихтиёри давлат мегузарад. А. г. м. яке аз сарчашмаҳои асосии даромади бюҷети давлатист.

АНДО́ЗИ ОЗУҚА́, андози натуравӣ аз хоҷагиҳои деҳқонон, ки бо қарори съезди 10 РКП(б) (1921) ба ивази *разверсткаи озуқа* ҷорӣ шуда буд. Ин сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) буд. НЭП ба деҳқонон имкон дод, ки баъди адои А. о. маҳсулоти изофаро худ истеъмол кунанд ё ба бозор бароваранд. Ҳаҷми А. о. назар ба разверсткаи озуқа нисф кам буд. Чунин сиёсати иқтисодӣ деҳқононро барои такмили хоҷагӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ҳавасманд мегардонд. Баъди ҷорӣ шудани А. о. истеҳсоли маҳсулоти х. қ. афзуд, муомилоти мол дар байни шаҳру қишлоқ ва равобити иқтисодии синфи коргару деҳқон авҷ гирифт, суръати барқарор кардани хоҷагии халқ афзуд. Мувофиқи қарори съезди 12 партия (1923) як қисми ӯҳдадориҳои натуравии деҳқонон бо ӯҳдадориҳои пулӣ иваз карда шуд. Минбаъд шаклҳои мухталифи андози деҳқонон ба андози ягонаи мустақими х. қ. табдил дода шуд.

М. Мамадназарбеков.

АНДО́ЗИ САРИКАСӢ, андозе дар Россияи а-ҳои 18—19. Онро с. 1722 Пётри I ба ҷои андози ҳавлӣ ҷорӣ карда буд. Аз с-ҳои 1724 то 1887 (дар Сибирь то 1899) аз ҳар як мард ситонида мешуд. Дворянҳо ва руҳониён аз А. с. озод буданд.

А. Яговӣ.

АНДО́ЗИ ҲАВЛӢ, ниг. *Хонашумор.*

АНДО́РРА (Andorra), давлат дар Ҷ. Ғ. Европа, дар байни Франция ва Испания. Масоҳ. 465 км², Аҳол. 25 ҳаз. наф. (1975). Пойтахташ—ш. Андорра-ла-Вьеха. Забони гуфтугӯ—каталонӣ, инчунин забонҳои франсавӣ ва испанӣ. Дини асосӣ — католикӣ. А. мулки князӣ буда, онро президенти Франция ва епископи Урхель (Испания) якҷоя идора мекунанд. Органи қонунбарор — Совети генералӣ (иборат аз 24 аъзо), ки ба муҳлати 4 сол интихоб мешавад. Совети генералӣ аз ҷумлаи аъзоёни худ синдик ва ҷонишини ӯро интихоб менамояд, ки онҳо ҳокимияти иҷроиярро ба амал мебароранд.

Дар сарчашмаҳо А. бори аввал с. 805 зикр шудааст. Дар асрҳои миёна ҳоки А. асосан мулки феодалии графҳо де Фуа ва епископҳои Урхель буд. С. 1278 байни онҳо дар бораи ҳукмронии якҷоя бар А. созишнома баста шуд. Баъдтар ҳуқуқи графҳо де Фуа ба шоҳон ва сонитар ба президенти Франция мансуб шуд. С. 1866 дар А. конституция ҷорӣ гашт ва с. 1867 ҳокимияти епископи Урхель (Испания) дар ҳаёти доимии ҷамоаҳо як қадар маҳдуд шуд. Аммо баъзе боҳимоҳои му-

носибатҳои тофеодалӣ ва феодалӣ (моликияти ҷамоа будани замин, урфу одат ва суннатҳо, муносибатҳои қабилавӣ ва ғ.) ҳоло ҳам дар зиндагии халқи А. ҷорист. Машғулияти асосии аҳолӣ — ҷорводорӣ ва зироат (ғалла, картошка, алаф, тамоку, сабзавот). Корхонаҳои хурди саноати хӯрокворӣ, тамоку, косибӣ (армуғонҳо, чизҳои рӯзгор), ГЭС-и хурд дорад. Қисми зиёди даромади миллиро туризм ташкил медиҳад (2 млн наф., 1971). А. системаи таълим надорад. Мактабҳо дар таъминоти Франсияю Испания буда, таълим аз рӯи системаи франсавӣ ё испанӣ мегузарад. Радиостанцияи «Радиои Андорра» барномаҳои худро ба забонҳои франсавию испанӣ мешунавонад.

АНДРЕ́ЕВ Андрей Андреевич (30. 10. 1895, деҳаи Кузнецовои уезди Сычевои губ. Смоленск — 5. 12. 1971, Москва), ходими партиявӣ ва давлатии советӣ. Аъзои КПСС аз с. 1914. Аз оилаи деҳқон. С. 1914 коргари корхонаи тирсозии Петроград. С-ҳои 1915—17 аъзои Комитети петроградии РСДРП(б), яке аз ташкилотчиёни Иттифоқи металлистони Петроград, вакили Конференцияи 7-уми (апрелии) умумироссиягии партия. Иштирокчи фаъоли Рев. Октябрь ва Съезди 2-юми умумироссиягии Советҳо. С-ҳои 1920—22 котиби ВЦСПС, 1922—27 раиси КМ иттифоқи коргарони р. о. Дар съездҳои 9, 11—20 аъзои КМ партия интихоб шудааст. С-ҳои 1924—25 котиби КМ ВКП(б), 1926—30 номзади аъзои ва 1932—52 аъзои Бюрои Сиёсии КМ ВКП(б). С-ҳои 1927—30 котиби Комитети партиявии кишвари Кавкази Шимолӣ, 1930—31 раиси КМН ВКП(б), комиссари ИКД-и СССР ва ҷонишини раиси СКХ СССР. Аз с. 1931 то 1935 комиссари роҳҳои алоқаи СССР, 1935—46 котиби КМ ВКП(б). С-ҳои 1938—45 раиси Совети Иттифоқи Совети Олии СССР, 1939—52 раиси Комиссияи назорати партиявии назди КМ ВКП(б), 1943—46 комиссари халқии зироати СССР, 1946—53 ҷонишини раиси Совети Вазирони СССР. Аъзои Президиуми Совети Олии СССР. Бо 4 ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АНДРЕ́ЕВ Борис Фёдорович (тав. 9. 2. 1915, Саратов), актёри советии рус. Арт. Халқии СССР (1962). Аъзои КПСС аз с. 1948. С. 1937 Техникуми театрии Саратовро хатм кард. Аввалин рольҳояш дар кино — Назар Дума («Тракторчиён», 1939) ва Харитон Балун («Ҳаёти бузург», 1940). А. дар ин фильмҳо ва минбаъд симои ҷавонони оддӣ ва софдилро нишон дода, дарёдилӣ, ростӣ ва диг. хислатҳои неки мардуми русро таҷассум намуд. Саша Синцов («Ду ҷанговар», 1943), Бурлюк («Достони сарзамини Сибирь», 1948) ва ғ. аз ҳамин қабил қаҳрамонон буданд. С-ҳои 50 дар эҷодиёти А. бештар рольҳои драмавӣ нуфуз доштанд. Намоёнтарин рольҳои А.: Савва Зарудный («Достони васфи баҳр», 1958), генерал Глазунов («Қиссаи солҳои пурошӯб», 1962). С. 1962 А. дар фильми «Фоҷиаи оптимистӣ» аз рӯи пьесаи Вс. Вишневский роли Сардорро бозид. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1948, 1950). Бо ордени Ленин, ордени Ситораи Сурх ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АНДРЕ́ЕВ Василий Апполонович (1906, деҳаи Соленаи ҳозира р-ни Солонянскии вил. Днепропетровск — 1973, Душанбе), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1945), сержанти калони гвардия. С-ҳои 1928—31 дар сафи Армияи Сурх хизмат карда, ба муқобили дастаҳои боқимондаи босмачиён ҷангидааст. Баъди хизмат дар Тоҷикистон монд. Нояб. 1941 ба сафи армия даъват шуда, дар ротаи 2-юми пулемётии полки собиқ 82-юми гвардиягии Севастополь, ки дар ҳайати дивизияи 32-юми гвардиягии Байраки Сурхдор ва ордени Суворовдори Тамань буд, хизмат кардааст. Апр. 1945 дар нимҷаз. Земланд дар пункти аҳолинишини Гаутен қаҳрамонӣ нишон дод. Ба муқобили батальоне, ки ӯ хизмат мекард, гитлерчиён қариб як полки пиёдаро дар зери ҳимояи тӯпҳои худгард равона карданд. Ҳангоме ки ба камингоҳи аскарони советӣ наздик шуданд, А. онҳоро бо оташи пулемёт пешвоз гирифт. Расчёти А. 4 ҳуҷуми душманро зада гардонд. А. маҷрӯҳ шуда бошад ҳам, то расидани ҷанговарони советӣ истодагарӣ кард. С. 1945 аз хизмати ҳарбӣ баргашта, дар ташкилотҳои гуногуни бинокории Душанбе кор кард. Бо орденҳои Ленин, Байраки Сурх, Шараф дарачаи 3 ва медальҳо мукофотонида шудааст. *Л. П. Сечкина.*

АНДРЕ́ЕВ Михаил Степанович (11. 9. 1873, Тошкент — 10. 11. 1948, Душанбе), муаррих, этнограф ва забоншиноси советӣ. Аъзо-корр. АФ СССР (1929), аъзои ҳақиқии АФ РСС Ӯзб. (1943), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. ва РСС Ӯзб. С-ҳои 1914—18 инспектори омӯзишгоҳҳои халқии музофотҳои Хуҷанд ва Ҷиззахи вил. Самарқанд. С. 1918 — якумин нозири маорифи назди Совети Хуҷанд; 1918—20 ректори Ин-ти шарқшиносии Тошкент; аз с. 1920 то охири умраш дар мактабҳои олӣ ва ун-тҳои давлатии Тошкент, Алмаато, Душанбе ва ғ. ба сифати проф. забони форсию тоҷикӣ кор кард, этнографияи тоҷикон, таърих ва забонҳои мамлакатҳои Шарқро дарс дод. Хизмати А. махсусан дар омӯхтани этнография, таърих, археология ва филологияи тоҷик калон аст. Зиёда аз 50 китобу мақолаи илмӣ нашр намуд, дастнависҳои сершумораш дар архивҳо маҳфуз буда, ба таъриху маданияти тоҷикони кӯҳистон, хусусан тоҷикони Помир бахшида шудаанд. Дар байни мероси А. «Материалҳо доир ба этнографияи қабилаҳои эронии Осиёи Миёна, Ишкошим ва Вахон», «Забони язгуломӣ», «Оид ба муносибатҳои оилавии тоҷикони қадим», монографияи дуҷилдаи «Тоҷикони водии Хуф» ва ғ. қимати калони илмӣ доранд. Бо орденҳои Байраки Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати диловарона дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании 1941—45» мукофотонида шудааст.

Ад.: Писарчик А. К., Михаил Степанович Андреев (1873—1948), Сталинобод, 1960; Акрамова Х. Ф. и Акрамов Н. М., Востоковед Михаил Степанович Андреев. (Научно-биографический очерк), Д., 1973. *Н. Акрамов.*

АНДРЕ́Й БОГОЛЮБСКИЙ (такр. 1111—1174), князи кабири Владимиру Суздаль (аз 1157). Писари *Юрий Долгорукий*. Дар муборизаи зидди истиқлолхоҳии боярҳо ба шаҳриён ва дружина такья карда, ҳокимияти князиро мустаҳкам намуд ва барои иттиҳоди қисми бисьёри Русь кӯшид. С. 1169 Киевро забт кард. Пойтахтро аз Суздаль ба Владимир кӯчонид, боргоҳи худро дар Боголюбо-

во мустаҳкам кард. Дар аҳди А. Б. князи Владимиру Суздаль дар Русь пуриқтидортарини князиҳо буд. А. Б. 29 июли 1174 дар натиҷаи суиқасди боярҳо кушта шуд.

АНДРЕ́Й ОЛЬГЕ́РДОВИЧ (1325—1399), писари князи кабири Литва Ольгерд. Аз с. 1341 князи Псков. Дере нагузашта падараш ӯро князи Полоцк таъин карда, то с. 1348 Псковро ба воситаи волияш идора менамуд. С-ҳои 1373 ва 1375 А. О. дар юришҳои зидди Ордени Ливон ширкат дошт. Баъди вафоти Ольгерд (1377) дар муборизаи барои соҳиб шудани тахти ӯ шикаст хӯрда, ба Псков гурехт ва бо розигии князи кабири Москва Дмитрий князи Псков шуд. С. 1379 дар юриши муқобили Литва, с. 1380 дар *муҷорибаи Куликово* иштирок кард. Баъдтар боз князи Полоцк шуд. С. 1386 дафъаи дуюм барои гирифтани тахти Литва муборизаи бурда, шикаст хӯрд ва асир афтод. С. 1393 ба Псков гурехта, бори сеюм князь шуд. Дере нагузашта, ба князи кабири Литва Витовт хидмат кард. Дар мухориба бо тоторҳо дар назди д. Ворскла ҳалок гардид.

АНДРИА́НОВ Кузьма Андрианович (тав. 28.12.1904), химики совети, акад. АФ СССР (1964; аъзо-корр. 1953), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). Аъзои КПСС аз с. 1949. Аз с. 1959 мудири кафедраи синтези полимерҳои Ин-ти технологияи дақиқи химиявии Москва. Корҳои асосии А. ба синтез ва технологияи пайвастҳои калонмолекула бахшида шудаанд. С. 1937 аввалин бор полиорганосилоксанҳоро ҳосил кард, ки онҳо дар изоляцияи мошинҳои электрӣ, истеҳсоли маҳсулоти молиданӣ, локу рангубор ва г. васеъ истифода мешаванд. Аз с. 1947 принципҳои асосии синтези полимерҳои занҷирмолекулаашон ғайриорганикиро кор карда истодааст. Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1943, 1946, 1950, 1953) ва Мукофоти ленини (1962).

Ас.: Полимеры с неорганическими главными цепями молекул, М., 1962; Кремний, М., 1968 (Методы элементоорганической химии т. 5).

АНДРОГЕНЕ́З (аз юн. andrós — мард ва ...*genes*), бо ҳастаи нарина афзоиш кардани тухмҳучайра, ки дар процесси бордоршави ба он аз мани омадааст, яъне ба вуҷуд омадани насл танҳо аз ҳучайраи чинсии нарина (бо ҳучайраи чинсии модина омезиш накарда). Аволодҳои бо роҳи А. пайдошуда танҳо хромосомаҳои нарина доранд. А.-ро чун ҳодисаи *партеногенез* бо роҳи сунъӣ (бо усулҳои гуногуни тухмаки модиноро маҷрӯҳ ё нест карда) барои мукаррар намудани як қатор масъалаҳои ба ҳаста, плазма ва цитоплазма алоқаманд ва г. ҳосил мекунанд. А.-ро бо мақсади ба даст овардани танҳо насли нарина (мас., ҳангоми зиёдкунии кирмаки абрешим) ҳам истифода мебаранд. Ниг. низ *Гиногенез*.

АНДРОМЕ́ДА (лот. Andromēda), бурҷи (галаситораи) Нимкураи шимолии осмон. Дар *«Қонуни Масъудӣ»*-и Беруни бо номи Андарумида ва дар «Зиҷи Маликшоҳӣ»-и Умари Хайём бо номи Мусалсала омадааст. Се ситорааш қадри ситорагии дуюм дорад. Галактикаи спиралии онро бе асбоб дидан мумкин аст. Беҳтарин фасли мушоҳидаи А. тирамоҳ (сент., окт.) аст. Аз ҳаман минтақаҳои СССР мушоҳида мешавад.

АНДРОМЕДИҲО́, сели метеорӣ (шиҳобҳо), ки *радианти* он дар бурҷи *Андромеда* воқеъ аст. Бо таҳзияи кометаи Биэла алоқаманд мебошад. Бори нахуст с. 1872 мушоҳида шудааст. Дар натиҷаи ба мадори А. таъсир расондани сайёраи *Муштарӣ* ин сел дар а. 20 камметеор шудааст.

АНДРО́ПОВ Юрий Владимирович (тав. 15. 6. 1914, кишв. Ставрополь), ходими партиявӣ ва давлатии советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1974). Аъзои КПСС аз с. 1939. Генерали армия (1976). Аз оилаи хизматчӣ. Фаъолияти меҳнатиро аз с. 1930 сар кардааст. С. 1936 техникуми нақлиёти обро хатм кард. С-ҳои 1937—40 дар ташкилотҳои комсомолӣ кор кард. С. 1944 ба корҳои партиявӣ гузашт; дар ибтидо котиби дуюми Комитети партиявии ш. Петрозаводск ва с. 1947 котиби дуюми КМ ПК Карелия интихоб шуд. С. 1951 А. ба аппарати КМ КПСС ба кор омад. С-ҳои 1953—57 сафири фавқулодда ва мухтори СССР дар Республикаи Халқии Венгрия. С. 1957 мудири шӯъбаи КМ КПСС. Аз с. 1961 аъзои КМ КПСС. Аз нояб. 1962 то июли 1967 котиби КМ КПСС ва аз 1967 номзади аъзои ва аз апр. 1973 аъзои Бюрои Сиёсии КМ КПСС. Аз мои 1967 раиси Комитети бехатарии давлатии назди Совети Вазирони СССР. А. депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 3, 6—9). Бо 3 ордени Ленин, 4 ордени диг. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АНДУДА́И ГАЛЬВАНӢ, қабати металли ки аз хиссаҳои мкм то ба хиссаҳои даҳҳо мм ғафсӣ дорад. Онро бо роҳи таҳшини электролитӣ ба сатҳи маснуоти металли рӯкаш мекунанд. А. г. асосан бо мақсади зиёд кардани устувории маснуот бар зидди коррозия, инчунин бардавомии мӯҳлати хизмат ва зеби маснуот ба кор бурда мешавад. Мас., маснуоти пӯлодин бо рух, қалъагӣ, никель, мис ва хром; асбобҳои дақиқи электрикӣ ва тиббӣ бо нуқра, тилло, платина, палладий ва радий андуда мешаванд. Аз А. г. сатҳи маснуот хосиятҳои махсуси физикӣ ва химиявӣ пайдо мекунад.

АНДӮХТИ КАПИТА́Л, ба капитал табдил ёфтани *арзиши изофа*. Манбаи А. к. арзиши изофа аст. А. к. дар процесси *такрористеҳсоли васеи капиталистӣ* ба амал меояд. Дар натиҷаи амали қонуни умумии андӯхти капиталистӣ, ки онро К. Маркс кашф кардааст, капитал ҳатман боиси қувваткирифтани *концентрация ва марказонии капитал*, боиси пайдоиш ва афзоиши бекорӣ мегардад. Азбаски ҳаҷми А. к. ба массаи арзиши изофа вобастааст, ҳамаи омилҳои афзоиши арзиши изофа (баланд шудани дараҷаи истисмор, нисбат ба арзиши қувваи коргар паст шудани музди кор) боиси афзудани А. к. мегардад. А. к. хусусан дар шароити капитализми ҳозира, ки қонуни асосии иқтисодии он таъмини фоидаи максималии капиталист мебошад, қувват мегирад. Дар процесси А. к. зиддиятҳои капитализм тезу тунд шуда, истеҳсолот ва меҳнат торафт умумӣ гашта, шароити объективӣ ва субъективии бо социализм иваз кардани капитализм фаро морасад.

АНДӮХТИ СОЦИАЛИСТӢ, вусъати истеҳсолоти ҷамъиятӣ, зиёд намудани фондҳои ғайриистеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани захираҳои моддию молиявӣ, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқ, истифода кардани қисми даромади миллии ҷамъияти социалистӣ аст. А. с. аз ҳисоби маҳсулоти изофа ба вуҷуд меояд ва дар даромади миллӣ фонди андӯхт ҳисоб мешавад, ки аз воситаҳои истеҳсолот ва ашёи истеъмол иборат аст. Пешрафти техникӣ, баланд шудани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат, сарфакорӣ, даромаднокии корхонаҳо ва афзудани шумораи коргарон дар хоҷагии халқ омилҳои афзоиши босуръати А. с. мебошанд. Мамлакатҳои системаи ҷаҳонии социализм барои фонди андухт 1/4 даромади миллиро ҷудо мекунанд, ки ин назар ба ҳиссаи андӯхти даромади миллии мамлакатҳои мутараққии капиталистӣ 2,5 маротиба зиёд мебошад.

АНЕВРИ́ЗМА (юн. anéurysma — васеъ шудан), васеъ шудани рагҳои ҳун дар натиҷаи атеросклероз, сифилис ва ҷароҳат. А. ҳаҷмӣ ва қалбакӣ мешавад. А.-и ҳаҷмӣ устувонӣ ё ҳалташакл буда, асосан ҳангоми атеросклерози рагҳо авҷ мегирад. А.-и қалбакӣ ҳалтамонанд мешавад ва дар ҷои латхӯрдаи раг пайдо мегардад. А.-ро бо роҳи ҷаррохӣ ва усулҳои дигар муолиҷа мекунанд.

АНЕМИ́Я (аз юн. an — ҳиссачаи инкори ва haima — хун), ниг. *Камхунӣ*.

АНЕМОФИЛИЯ (аз юн. ánemos — шамол ва philéō — дӯст медорам), аз шамол дутарафа гардолуд шудани растанӣ. Хушаиҳо, ғешаиҳо, банг, розак, аз дарахтони ҷангал тӯс, булут, олаш, чормағз, роздор ва ғ. аз қабили анемофилҳоанд. Растаниҳои анемофил одатан анбӯҳ-анбӯҳ сабзида, навбаҳорон пеш аз барг баровардан гул мекунанд ё ки дар як вақт баргу гул пайдо мекунанд. Ин ҳолат ба гарддон имконият медиҳад, ки гардро дошта гирад. Гард бо шамол ба масофаи зиёда аз 60 км паҳн шуда метавонад.

АНЕМОХОРИЯ (аз юн. ánemos — шамол ва chōréō—ҳаракат мекунам), бо ҳаракати ҳаво паҳн шудани спора, тухм, мева ва диг. маншои растанӣ. А. дар растаниҳои тухмдор бо ёрии мӯякҳои тухм ё мева (бед, сафедор ва ғ.), қанотак (сада, тӯс, санавбар ва ғ.), сӯг (ковил ва ғ.) ба вуҷуд меояд. Ушна, гулсанг, занбӯруғ, чилбанд, мунмуна, бештари бактерияҳо ва ғ. ҳам анемохорҳоанд.

АНЕРОИД (аз *a* ва юн. neros — об, яъне бе моеъ коркунанда), барометр—анероид, асбобест барои чен кардани фишори атмосфера. Қисми ҳассоси А. аз қуттии металлии мудаввар иборат аст, ки ҳавояш хориҷ карда шудааст (расм). Ҳангоми



зиёд шудани фишори атмосфера қуттӣ фушурда шуда, ҳангоми кам шудани он ҳалта мешавад ва пружинаи ба қуттӣ пайвастшударо ба ҳаракат меорад. Тағьири вазъияти пружинаро ақрабаки B дар рӯи шкалаи C нишон медиҳад, ки ба фишори атмосфера мутаносиб аст.

АНЕСТЕЗИОЛОГИЯ (аз юн. anaisthesia—беҳиссӣ, карахтӣ ва *...логия*), таълимот дар бораи карахт ва беҳис кардани бадан. А. тарзи таъсири моддаҳои беҳискунанда ва дигаргуниҳои дар организм дар ин ҳолат рӯйдиҳандаро меомӯзад, дору ва воситаҳои бехатар ва таъсирноктари карахтиоварро ҷустуҷӯ ва шароити мӯътадили ба кор бурдани онҳоро интихоб мекунад.

Дар тибби халқӣ дар тӯли чандин асрҳо усулҳои оддитарини карахткунӣ (бо роҳи нашъамандӣ, майнӯшӣ, истеъмоли дармона ва ғ.) истифода шудааст. Аммо А. ҳамчун илм ба васеъ ҷорӣ намудани воситаю усулҳо ва адвиёти муассири карахткунии умумӣ — *наркоз*, пеш аз ҳама, ба истифодаи эфир дар амалияи ҷарроҳӣ вобаста аст. А.-и муосир пайваста бо комьёбиҳои физиология, фармакология, биохимия ва техника тараққӣ мекунад. Вай ба ҷарроҳон имконият медиҳад, ки мураккабтарин амалиётҳои ҷарроҳиро бо муваффақият ба ҷо оварда, барои тезтар аз байн рафтани осори амали ҷарроҳӣ ва шифо ёфтани организм шароити мусоид муҳайё намоянд. А. дар РСС Тоҷ. бо ташкили ёрии ҷарроҳӣ ба аҳолӣ аз солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ равнақ меёбад. Аввалҳо ба масъалаҳои илмӣ ва амалии А. ҷарроҳон машғул мешуданд, чунки мутахассисони соҳаи А. хеле кам буданд. Дар 20 соли охир дар Тоҷикистон А. ба муваффақиятҳои калон ноил гардид. Дар аксари беморхонаҳои шаҳрӣ ва районӣ шӯъбаҳои анестезиологӣ ташкил ёфта, бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ ва мутахассисони баландихтисос таъмин карда шудаанд. Дар ин шӯъбаҳо усулҳои навини карахткунӣ ба кор мераванд. Олимони Тоҷикистон дар ҳалли усулҳои А.-и кӯдакон, муборизаи бо танқисии нафаскашӣ тадқиқоти амиқ гузарондаанд. Онҳо дар шароити кӯҳсорҳои баланд тариқи ба кор бурдани карахткунӣ ва ҷараёни онро омӯхта, дафъатан А.-и баландкӯҳиро ривоҷ доданд, дар манзилҳои баландкӯҳ тарзи нави ёрии беҳискуниро пешниҳод намуданд. Ин корро гурӯҳи сайёри мутахассисон, ки бо тамоми лавозимот таъмин шудааст, ба ҷо меорад. Ин имконият медиҳад, ки бемор дар маҳалли дурдаст аз кӯмаки анестезиологӣ баҳра бурда, зудтар шифо ёбад.

Ад.: Жоров И. С., Общее обезболивание, М., 1964; Датхаев Ю. И., Наркоз в условиях высокогорья, Д., 1967; Некоторые вопросы детской анестезиологии и реаниматологии, Д., 1967.

Ю. И. Додхоев.

АНЖУ, Ҷазираҳои Анжу, номи ҷаз-ҳои марказӣ ва нисбатан калонтари галаҷаз. Новосибирь дар б-ҳои Лаптевҳо ва Сибири Шарқӣ. Аз ҷаз-ҳои Котельный, Фаддеевский, Новая Сибирь ва Бельковский иборатанд. Масоҳ. умумиашон қариб 29 ҳаз. км². Дар рельефи А. ҳамвориҳои пасти аккумулятивӣ зиёдтар аст. Ландшафташ тундраи арктикӣ. Ҷазираҳо ба номи тадқиқотчии қутб П. Ф. Анжу гузошта шудаанд.

АНЗОБ, ағба дар қ-кӯҳи Ҳисори РСС Тоҷ. Баландиаш аз с. б. 3372 м. Аз ағба роҳи мошингарди Душанбе — Ленинобод, Душанбе — Самарқанд мегузарад, ки аз аввалҳои июнь то охирҳои окт. кушода аст. Дар ағба аз с. 1932 ст. обуҳавосанҷии «Анзоб» кор мекунад.

АНЗОБ, деҳа дар қ. Анзоб, р-ни Айниӣ вил. Ленинобод, дар сари роҳи автомобильгарди Душанбе — Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Орҷоникидзе. Аз А. то маркази район 62 км. Аҳол. 4126 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, пункти тиббӣ ва нуқтаҳои хизмати маишӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — ҷорводорӣ, тамокупарварӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз сой ва чашмаҳо обьёрӣ мешаванд.

АНЗОБ, чашмаи хунуки минералӣ, 8 км шимолтари ағбаи Анзоб, дар сари роҳи Душанбе — Ленинобод, дар баландии 3179 м аз с. б. воқеъ аст. Дебиташ 0,5 л/сон., минералнокиаш 1,3 г/л. Оби А. дар таркиби худ гидрокарбонати кальций, магнию натрий дорад. *Н. М. Чуршина.*

АНЗУ́Р, пиёзи ансур, ниг. *Ансал.*

АНИ, арки асри миёнаи Арманистон. Дар соҳили рости д. Ахурян (ҳудуди ҳозираи Туркия) воқеъ аст. А-ҳои 5—8 мулки князии Камсараканҳо ва баъдтар Багратиониён буд ва дар ахди онҳо пойтахти подшоҳии Ани шуд (аз 961). А. а-ҳои 10—13 ба маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Арманистон табдил ёфт. С. 1045 Византия, с. 1064 Салҷуқиён А.-ро истило ва хароб намуданд. Охири а. 12 — аввали а. 13 А. барқарор карда шуд. С. 1236 онро муғулҳо забт ва хароб намуданд. Дар а. 16 чун деҳ зикр мешавад. С. 1878 ба Россия ҳамроҳ гардид ва баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ихтиёри Туркия гузашт. Харобаҳои А. гувоҳӣ медиҳанд, ки ин ҷо яке аз марказҳои намоёни санъати меъмории арман дар а-ҳои 10—14 будааст. Дар А. вайронаҳои қаср, меҳмонхона, маъбад, масҷид, ҳайкалҳо ёфт шуданд.

АНИЗОТРО́ПИЯ (юн. ánisos — нобаробар ва tropos — самт), 1) ҳодисаи дар самту буришҳои гуногуни дохили модда ҳар хел зоҳир шудани хусусиятҳои физикӣ (механикӣ, ҳаратӣ, электрикӣ, магнитӣ, оптикӣ ва ғ.)-и он. Мас., сахтии минералҳои дистен, андалузит, графит ва диг. қад-қади кристаллҳо як хел бошад, дар самти кӯндаланги онҳо дигар хел аст; кураи кристаллӣ ҳангоми тафсондан ба як самт васеъ ва ба самти диг. фишурда мешавад; суръати паҳншавӣ ва нишондиҳандаи шикасти рӯшной дар самтҳои дохили кристалл қиматҳои ҳарҳела дорад. А.-ро бори аввал Э. Бартолин (1669) ҳангоми мушоҳидаи шикасти дукаратаи шуоъ дар кристалли шпати исландӣ ошкор кард. Ҷинсҳои кӯҳие, ки бо таъсири фишори яктарафа структураи аввалаи худро тағьир дода, дар буришҳои гуногун структураи ҳарҳела ҳосил кардааанду минералҳои таркибашон аз рӯи қонунияти муайян ташаккул ёфтаанд, ҷинсҳои кӯҳии анизотропӣ ном гирифтаанд. Ҳодисаи А. дар омӯзиши хусусиятҳои оптикии минералҳо аҳамияти калон дорад; 2) бо таъсири муҳити беруна дар самтҳои гуногун ҷой гирифтани узвҳои растанӣ. Мас., пояи растанӣ нисбат ба самти рӯшной сабзад, баргҳояш нисбат ба нурҳои Офтоб перпендикуляр ҷой мегиранд.

АНИЗОФИЛЛИЯ (аз. юн. ánisos — нобаробар ва fýllon — барг), нобаробарии андозаи барг дар тарафи боло ё поёни пояхои горизонталии баъзе растанихо, ки асосан ба растанихои тропикй хос аст.

АНИКИН Николай Андреевич (тав. 1919, деха и Кривая Лукаи р-ни Шатскии вил. Рязань), Қахрамони Иттифоки Советй (1943), сержанти калон. С-хои 1936—39 дар трести бинокории Душанбе дуредгар буд, баъд дар з-ди чарм кор кард. С. 1939 ба хизмати харбй даъват шуда, дар Чанги Бузурги Ватанй аз рўзхои аввал иштирок намуд. Нояб. 1941 аз ш. Вологда ба фронти Калинин, хамчун командири қисми сапёрии батальони 698-уми сапёрй ба ихтиёри фармондехии собиқ Армияи 27-ум фиристода шуд. Окт. 1943 ёрдамчии командири взводи сапёрии полки 1318-уми дивизияи 163-уми тирандози Роменск таъмин шуд. 2 окт. дар Днепр, райони чаз. Жукови наздикии Киев хангоми гузаштан аз дарьё қахрамонй нишон дод. Дар зери борони тири душман гурўхи А. кариб тамоми полкро ба чазира гузаронд. А. дар задухўрд 17 гитлерчиро нобуд карда, 183 чанговарро аз чазира ба сохили рости Днепр бурд. Дар чанд амалиёти чангии худуди Германия иштирок кард. Баъди барташтан аз сафи армия дар сохтмонхои граждании Москва кор кардааст. Бо орденхои Ленин, Байраки Сурх, Ситораи Сурх, Чанги Ватанй дарачаи 1-ум ва медальхо мукофотонида шудааст.

Л. П. Сечкина

АНИЛИН (аз ар. انيل — нил), аминобензол, фениламин $C_6H_5NH_2$, соддатарин аминаи ароматй; массаи мол. 93,12. Бори аввал с. 1826 О. Унфердорбен аз тактири нил бо охак хосил кардааст. Дар с. 1834 Ф. Runge дар зифти ангиштсанг вучуд доштани онро муқаррар кард. С. 1841 Ю. Ф. Фрицше нилро бо махлули ишкори калий гарм карда, моддае хосил намуд ва онро А. номид. А. моеи беранги андаке бўйнок, t гуд — 6,15° С; t чўш 184,4° С; зичиаш дар 20° С 1027 кг/м³; дар об ва бештари халкунандахои органики хал мешавад; бугаш захрнок. А. хосияти асос дорад. Бо кислотахои минерали намак ва бо кислотахои органикй ё ангидридхои кислотахо анилидхо хосил мекунад. Дар саноат аз нитробензол ва гидроген (реакцияи Зинин) бо усули контакти хосил мекунанд. Онро дар истехсоли пардиддорои фотографй, моддахои тарканда, синтези органики ва г. истифода мебаранд.

АНИМИЗМ (лот. anima — рўх, чон), яке аз шаклхои дини ибтидои, кисми таркибй ва мухимми таълимоти динй, ба мавчудияти рўх бовар доштан. Одами чамъияти ибтидои бинобар дарачаи пасти тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва нотавонй дар назди қувваҳои табиат чунин тасаввур дошт, ки гўё ашьё, растанихо, ҳайвонот чон доранд. В. И. Ленин навишта буд, ки «нотавонии одами вахшй дар муборизаи бар зидди табиат боиси пайдоиши эътиқод ба худоҳо, шайтонҳо, мўъҷизаҳо ва ҳоказо мешуд» (Асарҳо, ч. 10, саҳ. 75). Мувофиқи таълимоти А. рўх ба шакли одамчаи хурде дар ботин чой гирифтааст ва ҳар лаҳза метавонад ҷисмро тарк намояд. Онро баъзан дидан ва шунидан мумкин аст. Рўх ҳамчун моддаи пафис қодир аст дар фазо давр занад, аз қабати ашьёи сахт гузарад, шакл ва ҳаҷми худро дигар кунад. А.-ро аз назарияи анимистии пайдоиши дин (асосгузораш этнографи англис Э. Тейлор, 1832—1917) фарқ кардан лозим аст. А. ба ҳамаи динҳо аз ҷумла ба ислом низ хос аст. Мас. дар ислом хобро «рафтани рўҳ» ва маргро «баромадани ҷон» медонанд, танро мурдаю рўҳро абадй мешуморанд. Ҳаман ин боқимондаҳои А. аст.

О. Бозоров.

АНИОН (аз юн. ana — ба боло ва ion — раванда), иони манфизарядест, ки дар майдони электр ба тарафи анод (электроди мусбатзаряд) ҳаракат менамояд. А. дар маҳлули кислота, ишқор ва намакҳо ҳангоми диссоциация ҳосил мешавад. Адади зарядҳои А. валенти А.-ро нишон медиҳад. Мас., OH^{1-} яквалента, PO_4^{3-} севалента ва г.

АНИС (Anisum vulgare), гиёҳи яксолаи алафй, мансуби *чатргулон*. Пояаш росту сершохча (20—60 см); барозиаш тирреша то 90 см; баргаш дар гардани поя, мудаввари гурдашакл. Хўшагулаш чатршакл ва сафед; меваш байзашакл ё мурўдмонанд. Дар қисми Европои СССР, Кавказ, Осиёи Миёна кишт менамоянд. Дар РСС Тоҷ. аҳьён-аҳьён дар назди хавлй мекорянд. Меваи А. 2—3% равгани эфир дорад, ки 80—90%-аш анетол аст ва дар тиб, саноати хўрокворй, атриёту машрубот истифода мегардад. Кунҷораи меваи он 17—20% сафедаву 16—22% равган дошта, хўроки серғизои чорво ба шумор меравад.

Анис: 1—шохчаи гулу мевадор; 2—кисми поёнии растанй бо баргхо; 3 — мева; 4 — гул.

Ад.: Скляревский Л. Я., Целебные свойства пищевых растений, М., 1972.

«АНИС-УЛ-УШШОҚ» انيس العشاق рисолаи Шарафуддин Ҳасан ибни Муҳаммади Ромии Табрезй (а. 14). Китоб аз 19 боб иборат буда, байтҳо ва порчаҳои шеъриеро, ки шоирони а-ҳои 10—14 дар хусуси мўй, ҷабин, абрў, чашм, мижгон, рўй, хат, хол, лаб, дандон, даҳон, занахдон, гардан, бар, соид, ангушт, қад, миён ва соқ гуфтаанд, дарбар мегирад. Муаллифи «А.» образҳои шеъриро дар асоси мафҳумҳои мазкур ба миён омадаро таҳлил ва таснif карда, гоҳо муродифҳои паҳлавй ва арабии онҳоро низ зикр мекунад. «А.» барои таҳқиқи таъриҳи адабиёт, таҳаввули як силсила образҳои шеърй, таъриҳи забон ва масъалаҳои назарии адабй сарчашмаи муҳиммест. «А.» с. 1947 дар Техрон чоп шудааст. Барои намуна ин байтро зикр мекунем:

Равшан аст ин аҳли маъниро,
ки дар девони хусн,
Чашми шўрангези хуснат
шоҳбайти маъниаст.

Р. Мусулмонқулов.

АНИЧКОВ Сергей Викторович (тав. 20. 9. 1892, Петербург), фармакологи советй, акад. АИТ СССР (1950), Қаҳрамони Меҳнати Социалистй (1967). С. 1918 Ин-ти тиббии Петербургро хатм кардааст. Проф. Академияи тиббии ҳарбй (1924—37), проф. Ин-ти тиббии санитарию гигиении Ленинград (1945) ва аз с. 1948 мудири шўъбаи фармакологияи Ин-ти тиббии экспериментали АИТ СССР. Асарҳояш асосан ба фармакологияи системаи дилу раг ва асаб бахшида шудаанд. Бо роҳбарии А. якчанд дорухои нав кашф шудаанд. А. намояндаи СССР дар Совети байналхалкии фармакологҳо (1956), доктори фахрии Ун-ти Хельсинки ва Ун-ти Карлова дар Прага аст. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1951). Бо 2 ордени Ленин ва медальхо мукофотонида шудааст.

Ас.: Учебник фармакологии, Л., 1955 (ҳаммуаллиф бо М. Л. Беленький).

АНКИЛОЗ (юн. ankýlos — кач), бехаракатии банду бугум дар натичаи ба якдигар васл шудани сатҳҳои банду бугум. Сабабҳояш: сироятҳои шадид ва музмини банду бугум, вайрон шудани интихои банду бугум дар натичаи процессҳои патологи ҳангоми зарбу лат. А. фиброзй, тагояки, устухони (вобаста ба хусусияти бофтаи дар байни сатҳҳои банду бугум ипишофиёбанда) ва инчу-

нин пурра ва ҷузъӣ (вобаста ба давомияти процесс дар банду буғум) мешавад. А.-ро бо ҷарроҳӣ муолиҷа мекунанд.

АНКИЛОСТОМИДОЗ, беморие ангалӣ, ки сабабаш анкилостомид ном кирми лӯндаи паразити рӯдаи одам мебошад. А.-ро Ancylostoma duodenale ангезонад, анкилостомоз ва Necator americanus ангезонад, некатороз номида мешавад. Анкилостомид пардаи луобии рӯдаи дуводаҳангуштаю борикро рахна карда хун мемакад ва боиси илтиҳобу захми рӯда мешавад. Манбаи сироят шахсест, ки ба ӯ анкилостомид сироят кардааст. Тухми анкилостомид бо начосат ба замин афтода, баъди 5—10 рӯз сироятрасон мешавад. Кирминаҳои анкилостомид ба пӯст ё даҳон сироят мекунанд. Онҳо ба мӯйрагҳои хунгард ворид шуда, бо ҷараёни хун аз шуш ба ноҳия нафас, хирной, сурхрӯда ва дар охир ба рӯда мераванд, баъд аз 8—10 ҳафта паразити болиғ шуда, тухм мегузоранд. Беморӣ бо дарди шикам, зардачӯшӣ, қай, лоғарӣ, камхунӣ ва ғ. зоҳир мегардад.

А.-ро бо дорӣ нафтамон муолиҷа мекунанд. Илоҷи камхунии анкилостомидозӣ истифодаи дорӯҳои оҳандор аст. *Х. Қ. Камардинов.*

АННАҚУ́ЛОВ Гулмуҳаммад (тав. 1901, қиш. Ғортеппаи ҳозира р-ни Ленин), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди Пахтаи РСС Тоҷ. (1948). Аъзои КПСС аз с. 1929. А. с-ҳои 1923—31 дар Ёвон, Файзобод, Янгибозор, Ромит, Лақай-тоҷик дар ташкили органҳои Ҳокимияти Советӣ, сохтмони к-зӣ ва дар ҷангҳои зидди босмачиён фаъолона иштирок кардааст. С-ҳои 1932—35 мудири шӯъбаи шикоятҳо ва аъзои комитети партиявии р-ни Орҷоникидзеобод, 1936—37 раиси к-зи ба номи Ленин, 1937—42 раиси комиҷронии Совети депутатҳои меҳнаткашон, 1943—45 котиби комитети партиявӣ, 1945—51 раиси к-зи ба номи Ленин, 1951—52 раиси ҷамъияти матлуботи р-ни Кӯктош (ҳоло Ленин), 1953—57 раиси к-зи ба номи Андреев собиқ р-ни Ҷилликӯл, 1958—60 ҷонишини раис ва котиби комитети партиявии к-зи ба номи Тельмани р-ни Орҷоникидзеобод буд. Аз с. 1960 нафақаҳӯри шахсӣ. С. 1938 депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 1) ва аъзои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. интихоб гардид. А. бо ордени Ленин, ордени Ҷанги Бузурги Ватанӣ дараҷаи I, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АННЕ́КСИЯ (лот. annexio аз annexus — ҳамроҳ шуда), зӯран ҳамроҳ ё забт намудани ҳамаи ё қисми терр. давлат ё халқи дигар. Одатан дар ҷамъияти ғуломдорӣ ва феодалӣ ҷангҳо бо А. хотима меёфтанд. Дар ҷамъияти капиталистӣ А. воситаи асосии васеъ кардани терр. як давлат аз ҳисоби давлати диг. аст.

Давлати Советӣ аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ Декрети оид ба сулҳро қабул карда, муносибати худро ба А. ифода намуд ва А.-ро яке аз воситаҳои зӯриву ғоратгарӣ шуморид ва ғайриқонунӣ ҳисобид.

АННИГИЛЯЦИЯ ВА ТАВЛИДИ ҶУФТи зарра-антизарра (лот. annihilatio — нест шудан), ҳодисаест, ки ҷуфти зарра ва антизарра дар натиҷаи ба ҳам бархӯрдан ба фотонҳо ё зарраҳои дигар (квантҳои майдони электромагнитӣ) мубаддал мегардад. Мас., электрон ва позитрон (антиэлектрон) ҳангоми ба ҳам бархӯрдан «нест» шуда, ду (99,7—99,8%) ё се (0,2—0,3%) фотон (гамма квант) ба вуҷуд меоваранд; бархӯрди протону антипротон боиси «нест» шудани худи онҳо ва пайдо шудани 4—5 зарраи назар ба нуклон 6—7 маротиба сабуктар — пи-мезонҳо мегардад. Тавлиди ҷуфт (процесси баръакси А.) дар як вақт пайдо шудани ҷуфти зарра ва антизарра аст, ки дар натиҷаи таъсири мутақобили фотонҳо (майдони электромагнитӣ ё майдонҳои диг.) ба вуҷуд меояд. Агар энергияи фотон ба қадри кофӣ зиёд бошад, бо таъсири мутақобили майдони электрикии ядрои атом ҷуфти зарра — антизарраи гуногун, мас., як ҷуфт мюон ($\mu+$ ва $\mu-$) тавлид карда метавонад. Бархӯрди протони энергияаш зиёда аз $7Mc^2$ (M — массаи нуклон, c — суръати рӯшной) ва ядрои атом боиси тавлиди ҷуфти нуклон—антинуклон мегардад. А. ва т. ч. ба қонунҳои бақои энергия, миқдори ҳаракат, моменти импульс, миқдори заряд, заряди лептонию барионӣ ва ғ. комилан итоат мекунад. Ин шаҳодат медиҳад, ки А. ва т. ч. «нестшавӣ»-и материя ё аз «ҳеҷ» пайдошавии он набуда, ба ҳамдигар мубаддалшавии заррахо мебошад. Мушоҳидаҳои т. ч.-и электрон — позитрон бо номи Ирен ва Фредерик Жолио — Кюри алоқаманд аст (1933). А.-и электрону позитрон ҳам бори аввал ҳамон сол мушоҳида шудааст. Ниг. низ *Заррахои элементарӣ, Антизаррахо.* *С. Кодирӣ.*

АННОБА́, Унноба — шаҳри бостонӣ дар шим. шарқии Алҷазоир. Марказ маъмурии вил. Анноба. Аҳол. 169 ҳаз. наф. (1969). Маркази калони саноату нақлиёти қисми шарқии мамлакат. Бандари экспорти маъданҳои оҳан, фосфорит, ашъёи хоми х. қ. Узели р. о. ва шоссе. Дорои корхонаҳои саноати коркарди металл, хӯрокворӣ, химияю бофандагӣ. Дар А. бо ёрии техникии СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ з-ди металлургӣ сохта шуд (1968).

АННОТА́ЦИЯ (лот. annotatio — қайд), тавсифи мухтасари китоб, рисола, мақола, дастнавис аз ҷиҳати ғоявию сиёсӣ, мундарича, мавзӯъ ва ғ. Навъҳои А.-и тавсиявӣ ё тавсифӣ, умумӣ ё махсус маъмул аст. Феҳристи аннотационӣ интихоби асарҳои чопиро осон мекунад.

АНО́Д (юн. anodos — фароз), 1) электроди мусбати манбаи ҷараёни электрикӣ, мас., қутби мусбати элементи гальванӣ, аккумулятори электрикӣ, лампаҳои электронӣ ва ғ. 2) Электроди асбоби электронӣ (ионӣ), ки ба қутби мусбати манбаи ҷараёни электрикӣ пайваста мешавад. 3) Қутби мусбати ваннаи электрикӣ (ниг. *Электролиз*). 4) Электроди мусбати камони электрикӣ.

АНОМА́ЛИЯ, (юн. anomalia — ноҳироф), берун шудан аз норма ва қонунияти умумӣ. 1) Дар тиб ва биология сохти ғайримуқаррарӣ доштан ё берун аз ҷои худ ҷойгиршавии ягон узв, мавҷудияти узвҳои зиёдатӣ (мас., ангушти барака) ва ғ. 2) Аномалияи майдони магнитӣ — дар ягон мавзеи кураи замин аз қиматҳои муқаррарӣ фарқ кардани қиматҳои элементҳои майдони магнитӣ (мас., тамоюли магнитӣ). Пурзӯртарин аномалияҳои магнитӣ ба мавҷудияти калонтарин конҳои маъдани оҳан вобаста мебошанд (*Аномалияи магнитии Курск*, аномалияи магнитии Кривой Рог ва ғ.). 3) Аномалияи қувваи вазнинӣ — фарқи қиматҳои қувваи вазнинии, ки аз таҷриба ва аз рӯи формулаи тақсимоти нормалии қувваҳои вазнинӣ ҳисоб карда шудаанд. Ин фарқ ба сохти умумии кураи замин ва ба зичии ҷинсҳои кӯҳие, ки дар атрофи нуқтаи мушоҳидашаванда воқеанд, вобаста аст. Агар зичии ин ҷинсҳо аз зичии миёнаи кураи замин фарқ кунад, аномалияи қувваи вазнинӣ рӯй медиҳад. Омӯзиши аномалияҳои қувваи вазнинӣ ва магнитӣ дар тадқиқоти геологӣ, алалхусус, бо усулҳои геофизикӣ ҷустуҷӯ намудани конданиҳои фоидаанок васеъ татбиқ мешавад.

АНОМА́ЛИЯИ МАГНИТИИ КУРСК (АМК), калонтарин аномалияи магнитӣ дар СССР. Майдонаш қариб 120 ҳаз. км² буда, асосан дар вил-ҳои Курск, Белгороди РСФСР ва дар ҳудуди вил-ҳои ҳамшафат паҳн шудааст. Сабаби мавҷудияти он захираи калони маъдани оҳан (кварцитҳои оҳандор) дар қишри замин мебошад. Дар АМК маъданҳои сахти сидериттдор ва тозаю нарми гематиту марттитдор бештаранд. Дар ҳудуди АМК мавҷудияти 4 ноҳияи калони маъдани оҳан (Белгород, Орлову Курск, Старооскол ва Новооскол) муайян шудааст. Конҳои Лебединский, Михайловский, Яковлевский, Гостищевский ва ғ.-ро хубтар омӯхтаанд.

Чамъи захираи маъдани хушсифат 26 млрд т аст. Дар конҳои Михайловский, Лебединский, Стойленский маъданро асосан бо усули кушод истеҳсол мекунанд ва ба з-дҳои металлургии Липецк, Тула, Донбасс мефиристанд. Омӯхтани мунтазами АМК аз с. 1919 бо супориши В. И. Ленин оғоз ёфта буд.

АНОР (Punica granatum), бутта ё дарахтест мансуби анорихо. Баландиаш 3—5 м. Ватани А. Осиёи Пеш, Закавказияи Шарқӣ буда, бештар дар Эрон, Афғонистон, Испания, ҷанубу ғарби ШМА ва СССР парвариш мекунанд. А. дар Тоҷикистон аз қадим маъмул буд, анорзори табиӣ дар кӯҳсори Дарвоз, Қаротегин ва Ҳисор мавҷуд аст. А. аз 3—4-солагӣ ҳосил дода, 30—70 сол умр мебинад. Ҳар буттаи А. аз 15 то 60 кг ҳосил медиҳад. Аз ҳар бех 3, баъзан то 7—9 тана месабзад. Баргҳои А. байзашакли нӯктез, ғулаш сурхи ҷилодор, кӯзачамонанд ва зангӯлашакл аст. Шукуфт аз моҳи май то июль давом ёфта, бештари аввалин гулҳо ҳосили мӯътадил мебанданд. Меваash 0,3—1 кг мешавад. А.-ро бо қаламча зиед мекунанд. Дарахти А. ба сармо тоб надорад, дар t — 16—19° С нобуд мегардад. Бинобар он буттаи А.-ро аввали зимистон хокпӯш мекунанд. А. дар р-нҳои ҷанубии респ. дар баландиҳои 500—600 м аз с. б. ҳосили хушсифат дода, ба қадри баланд гардидани мавзеъ туршии таркиби меваash зиед мешавад. Афшураи А. 8—19% қанд, 0,3—9% туршии лимӯ, танин ва витамини С дорад. Меваи А. ба касалиҳои меъда, зиккинафас, заъфарма, захрбод ва г. давост. Пӯсти меваи А.-ро дар рафъи кирми меъдаю руда ва ҳамчун давои қобиз (зидди исҳол) кор мефармоянд. А. дар ҳар ғуна хок нагз месабзад. Қаламчаҳои А.-ро дар фосилаи 2—4 м шинонида, ба ҳар га 1250 нихол ҷой медиҳанд. Ҳар сол аввали баҳор бехчаст ва навдаҳои камкуввату хушкидаро бурида, ҳосили атрофи буттаҳоро нарм мекунанд. Дар давоми наш ба ҳар га 120—150 кг нитроген, 90—100 кг фосфор ва 50—60 кг калий дода, 10—12 маротиба обьёри менамоянд. Буттаҳои А. бештар аз касалии тосак, ҳашароти ширинча, канаи сурху кирми шапалаки анор зарар мебинад. Дар Тоҷикистон бештар навъҳои сурхдона, казоқианор, нордона, туршдона, ширидона ва кувваанорро мепарваранд. Аз с. 1973 ба иклими республика навъи мулоимтухми десертӣ мутобиқ шуд.

Тасвирро нег. дар сах. 176—177.

Ад.: Запрягаева В. И. Дикорастущие плодовые Таджикистана. М.-Л., 1964. Розиков Б. С., Эшонкулов У. Э. Меваҳои гармидӯсти Тоҷикистон. Д., 1973. *Б. С. Розиков.*

АНОРТИТ (аз юн. anorthos — каҷ, ҳуреб), минерал аз ғурӯҳи шпатҳои *ишӣ (плагиоклазҳо)*. Аз ҷиҳати таркиб ба алюмосиликатҳо мансуб аст. Форм. химиявиаш $Ca(Al_2Si_2O_8)$. Системаи кристаллбандиаш триклинӣ. Одатан дар намуди донаҳои вайроншакл ва кристаллҳои призмашаклу лавҳамонанди хокистарранг ё гулобиранг вомехӯрад. Сахтиаш 6,0; зичиаш 2760 кг/м³. А. дар ҷинсҳои скарнӣ, метаморфии контактӣ, туф ва г. ҷой дошта метавонад.

АНОРТОЗИТ, лабрадорит, плагиоклазит (франс. anorthose — плагиоклаз), ҷинси кӯҳии донадор аз ғурӯҳи габбро. Қариб 80—90% аз плагиоклаз таркиб ёфта, ба миқдори каме пироксен, оливин, магнетит, титаномагнетит ва г. дорад. Рангаш асосан сафед, хокистарӣ, сиёҳтоб. Баъзе хелҳои А. тобиши зебои нилобиранг дошта, онҳо дар кошинкорӣ ҳаргуна ёдгориҳо, биноҳо, метрополитен ва г. истифода мешаванд. А. ҳамчун ҷинси магмавӣ ба шакли массивҳои калон ва дайка мехобад. Он дар вил. Волыни РССУ, нимҷаз. Колаи РСФСР ёфт шудааст.

АНОСМИЯ (аз юн. an — ҳиссачаи инкорӣ ва osme — бӯй), ҳисси *шомма* надоштан. А. ва гипосмия (сусту шудани бӯйфахмӣ) ҳангоми аз беморӣ тағйир ёфтани пардаи луобии биниӣ, назла ва дар натиҷаи беморихои майнаи одам ба вуҷуд меояд.

АНОСОВ Павел Петрович (1799, Петербург—25. 5. 1851, Омск), металлурги рус, аъзо-корр. Ун-ти Қазон (1844), аъзои фахрии Ун-ти Харьков (1846). Корпуси кадетии кӯҳии Петербургро (1847) хатм намуда, 30 сол дар з-дҳои Урал кор кардааст. А. усулҳои бо роҳи дар тигельҳои гудозиш бевосита цементация кардани оҳан (нег. *Цементацияи пӯлод*) ҳосил кардани пӯлоди аълосифатро пешниҳод, таъсири омезаҳои легиронандаро ба хосиятҳои пӯлод тадқиқ кард. Ӯ аввалин шуда исбот кард, ки нақши рӯи металл инъикоси сохти кристаллии он мебошад, микроскопро дар тадқиқи сохти дохилии хӯлаҳо истифода кард ва металлургияи пӯлоди хушсифатро дар Россия асос гузошт.



АНОХИН Пётр Кузьмич (26. 1. 1898, Царицын, ҳоло Волгоград — 22. 2. 1974, Москва), физиологи советӣ, акад. АФ СССР (1966), аъзои ҳақиқии АИТ СССР (1945). С-ҳои 1922—30 дар Академияи харбии тиббии Ленинград дар лабораторияи И. П. Павлов кор мекард. С-ҳои 1930—34 ба кафедраи физиологияи фак-ти тиббии Ун-ти Нижегород (минбаъд Ин-ти тиббии Горький), 1934—50 ба шӯъбаи физиологияи Ин-ти умумииттифоқии таҷрибавии тиббии Москва (минбаъд Ин-ти физиологияи АИТ СССР), 1936—40 ва 1953—55 ба кафедраи физиология ва патологияи фаъолияти олии асаби Ин-ти марказии такмили духтурон роҳбарӣ кард. С-ҳои 1955—74 мудири кафедраи физиологияи Ин-ти якуми тиббии Москва буд. А. назарияи системаҳои функционалии организмро кашф кард. Асарҳои асосии ӯ ба омӯзиши фаъолияти организми том ва хусусан мағзи сар бахшида шудаанд, ки дар асоси онҳо назарияи системаҳои функциалии ӯ гузошта шудааст. С. 1972 А. барои тадқиқотҳояш дар соҳаи нейрофизиология лауреати Мукофоти ленинӣ гардид. Ӯ аъзои фахрии АФ Республикаи Халқии Венгрия, доктори фахрии Ун-ти Лейпциг, аъзо-корр. Ҷамъияти умумихалқии рӯҳшиносии биологӣ (ШМА) буд. Бо 3 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Биология и нейрофизиология условного рефлекса. М., 1968.

АНСАБ انسب Мансурҳочаи Бухорӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик, намояндаи тариқаи суфияи нақшбандия дар нимаи дуюми а. 19. *Возеҳ* дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» менависад, ки А. истеъдоди баланди шоирӣ дошт, вале дар овони ҷавонӣ вафот кард. Шеърҳояш, ки дар тазкираю баёзҳо ба назар мерасанд, матни ва фасеҳанд. Ашъори А. асосан моҳияти ирфонӣ дорад, вале ӯ гоҳо аз хушиҳои ҳаётӣ моддӣ, маю маъшуқа ва амсоли ин низ ҳарф задааст. Дар ашъори А. ҳам *сабки хуросонӣ* ва ҳам *сабки бедилӣ* мушоҳида мешавад.

Ад.: صدرالدين عينى، نمونهٔ ادبيات تاجيك، مسكو، ١٩٢٦.

Ҳодизода Р., Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX, Д., 1968; Каримов У., Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX, Д., 1974. *С. Сиддиқов.*

АНСАЛ, ансӯр, ду намуди пиёзи худрӯй (Allium giganteum, A. stipitatum), ки бо номи пиёзи анзур маълум аст. Дар к-ҳои Тоҷикистони Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ меруяд. Пиёзаки онҳо то чуқурии 15 см вокеъ шуда, қабат-қабат 5—6 см пӯст мебандад. Баргаш сабзи кабудтоб, тасмашакл, бараш 6—15 см, дарозиаш 30—50 см. Гулпояш найчашакли ҳарду интиҳояш борику миёнааш барчаста. Гулаш назаррабо, бунафш ё чуи ранги ёси гулоби. Хӯшагулаш курашакл, дар интиҳои гулпоя нумӯ мекунад. Пиёзи А.-ро дар зимистон ҳам сармо намезанад. Тухмаш дар моҳи май менавад. А.-и очороида (нег. *Очороӣ*) ва консервоида хуштаъм аст. А. сервитамин буда, иштиҳоовар аст. А.-ро тоҷикон аз маҳмулайём истеъмол кунанд ҳам, истеҳсоли саноатиаш аз с. 1965 сар шуд

Бехи А.-ро баъди 5—7 соли сабзиш мегундоранд. *К. П. Попов.*

АНСАМБЛИ МАҚОМХОНОН, коллективи эҷодии ҳофизон ва навозандагони тоҷик. Аввал бо номи Ансамбли шашмақомхонон (1946) дар назди Комитети радио ташкил шуд,



Ансамбли мақомхонон.

ки роҳбараш Б. *Файзуллоев* буд. С. 1964 бо ташаббуси Ш. *Соҳибов* ва Ф. *Шаҳобов* дар назди Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷ. оид ба телевизион ва радио аз нав ба роҳ монда шуда, номи А. м.-ро гирифт. Ба А. м. то с. 1966 Шаҳобов ва то с. 1973 Соҳибов роҳбарӣ карданд. Аз с. 1973 ин ҷониб А. Бобоқулов роҳбари бадеии А. м. мебошад. Ҳайати А. м. сарвати бузурги мусиқии классикии тоҷик — «Шашмақом»-ро таргиб менамояд. Мавқеи А. м. дар пешрафти мусиқии касбии тоҷик хеле бузург аст. А. м. мақомҳо, шӯъбаю шохаҳои «Шашмақом»-ро пурра ба навор сабт кард. А. м. бо барномаҳои концертӣ дар назди тамошобинон ва ба воситаи радиою телевизион ҳунарнамой мекунад. Ҳайати А. м. аз ҷумлаи беҳтарин сарояндагони номии республика — Арт. Халқии РСС Тоҷ. Б. Исҳоқова, Арт. Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. Б. Ниёзов, Ф. Сайдуллоева, Т. Иброхимова ва диг., инчунин навозандагони бомаҳорат — Арт. Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. Н. Шоулов (най), Ҳ. Маҳмудов (ғиҷжак). А. Ҳасанов (танбӯр), Ҳ. Пӯлодов (дутор), Д. Мӯъминшоев (рубоб), А. Аминов (даф) ва диг. ташкил шудааст.

З. Шаҳидӣ, А. Раҷабов.

АНСАМБЛИ РУБОБЧИЗАНОН, яке аз коллективҳои аввалини мусиқӣвокалӣ ва хореографии Филармонияи давлатии ордени Байраки Сурхи Меҳнатдори Тоҷикистон. А. р. с. 1940 дар Душанбе таъсис ёфтааст. Ҳ. Назаров аввалин роҳбари бадеӣ ва А. Ёрмуҳаммадов роҳбари мусиқии А. р. будаанд. А. р. коллективи аввалин аст, ки суруду рақсҳои халқиро таргиб намуд. Баъдҳо ба анъанаҳои пешқадами санъати халқӣ ва касбӣ такья карда, барномаашро аз ҳисоби суруду оҳангҳои халқҳои советӣ бой кард. Хусусияти фарқкунандаи А. р. аз он иборат аст, ки ҳар ҳунарпеша чун мутриба ва сароянда ҳунарнамой мекунад. Дар ибтидо репертуари А. р. аз суруду оҳангҳои яковозаи халқӣ, аз қабили «Баҳор омад», «Духтари ҳиротӣ», «Фаранҷӣ» ва г. иборат буд. Баъдҳо ба ичрои сурудҳои бисьёровозаи бастакорони тоҷику рус ва диг. халқҳои СССР шурӯъ намуд. А. р. бо барномаи калони концертӣ ба республикаҳои иттифоқӣ, инчунин ба Эрону Афғонистон сафар кардааст. А. р. бисьёр сарояндагони хушовозро аз қабили Артистони Халқии республика Ш. Муллоҷонова, М. Боқиева, Артистони Хизматнишондодаи Тоҷикистон Т. Иброхимова, Ф. Кӯинова, раққосаҳои бомаҳорат Б. Аҳмадова, З. Каримова, Ш. Каримова, М. Абдуллоева ва г. тарбия намуда ба камол расонидааст. А. р. с. 1958 лауреати Конкурси умумииттифоқии коллективҳои бадеӣ гардид. *З. Шаҳидӣ.*

АНСАМБЛЬ (франс. ensemble—якҷоя, ҳамроҳ), маҷмӯъ, мукаммалу мутаносиб. 1) Дар меъморӣ ва шаҳрсозӣ — мукаммалӣ ва нигоҳдории таносуби биноҳо, иншооти инженерӣ (пулҳо, хиёбонҳо, ободонии соҳили дарьёҳо ва г.), асарҳои санъати тасвирии монументалӣ, ҳайкалҳо ва сабзкорӣ. Мас., дар Самарқанд А.-и Регистон, ки аз силсилаи мадрасаҳои пуршукӯҳ иборат аст ва дар Душанбе А.-и Майдони ба номи В. И. Ленин. Барои офаридани А.-и хуб шароити табиии мавзеъ (рельеф, ҳавзҳо ва г.) роли муҳим мебозад. 2) Дар мусиқӣ (А.— ягонагӣ, ҳамоҳангӣ ва мувофиқат) — асари камераві барои ҳайати хурди ичрокунандагон — машшоқон ё мутрибон, дуэт (хониши дугона), трио ё терцет (сегона), квартет (чоргона), квинтет (панҷгона), секстет (шашгона), септет (ҳафтгона), октет (ҳаштгона), нонет (нӯҳгона) ва г. А.-ҳо инчунин ба таркиби операҳо, опереттаҳо, ораториҳо, кантатаҳо дохил мешаванд. 3) Дар санъати театрӣ — мувофиқати бозии актёрон. Таърихи тӯлонии театр гувоҳӣ медиҳад, ки А. фақат дар натиҷаи ҳамфикрӣ ва мувофиқати хуби бозии артистони боистеъдод ба вуҷуд меояд. Дар а. 19 тараққиёти санъати театрӣ ва хусусан татбиқ шудани равияи реалистӣ дар он А.-ро ҳамчун талаботи ҳатмӣ эътироф кард. Дар ин бобат фаъолияти театрҳои озод ва махсусан Театри бадеии Москва марҳилаи нав буд. Театр аз мафҳуми А. ҳамчун воҳиди ягонаи дарки пьеса шурӯъ карда, то эътирофи «ансамбли амиқ» (истилоҳи В. И. Немирович-Данченко) расид. Театри ҳозиразамон асосан театри А. аст. Ба воситаи А. дараҷаи маданияти саҳнавии спектакль маълум мешавад. 4) Гурӯҳи артистоне, ки ҳамчун коллективи ягонаи бадеӣ (мас., А.-и

Ансамбли рубобчизанон.

рақсҳои халқӣ ва г.) баромад мекунад. Дар республика А.-и рақсии «Лола», А.-и эстрадии «Гулшан», А.-и мақомхонон ва г. таъсис ёфтаанд.

АНСОРӢ انصاری Абӯисмоил Абдуллоҳ ибни Абӯмансур (1006, Ҳирот — 1088 ҳамон ҷо), шоир ва нависандаи мутасаввифи форс-тоҷик, назариётчӣ ва муаррихи тасаввуф. Бо лақаби Пири Ҳирот низ шӯҳрат дорад. Аз оилаи дӯкондор. Дар чорсолагӣ ба мактаб рафтааст. Дар ҷавонӣ фиқҳ, тафсир, ҳадис ва илми адабро дар мадрасаҳои Ҳирот ва Нишопур омӯхтааст. Зеҳн ва ҳофизаи мустаҳкам дошт. Худи А. навиштааст: «Маро ҳафтод ҳазор байт аз ашъори араб ёд буд ва сад ҳазор низ форсӣ метавон гуфт аз ашъори мутақаддимин ва мутааххирин, ки ҳар як дурре буд носуфта..., се сад ҳазор ҳадис... маро ба зикр буд». Дар ибтидо А. аҳли *калом* буд ва ба гирд овардани *ҳадисҳо* шуғл меварзид. Вале баъдтар аз он рӯ гардонд, каломи Ашъариро танқид кард ва дар зери таъсири Абулҳасани Ҳаракониӣ (ваф. 1033) ба тасаввуф майл намуда дар рӯҳияи ин таълимот ба форсӣ ва арабӣ асарҳои зиёд навишт. «Илоҳинома», «Ганҷнома», «Қаландарнома», «Муноҷот», «Рисолаи дилу ҷон», «Манозил ус-соирин» (бо ин унвон ду асар дорад — яке форсӣ, дигаре арабӣ), «Канз-ус-соликин», «Зод-ул-ориф ин», «Табақот ус-суфия» аз муҳимтарин осори форсӣ-тоҷикии ӯ мебошанд. Қисме аз ғазал, ҳиҷо, рубоӣ ва дигар ашъори тоҷикиаш дар зимни таълифоти насриаш ба мо расидааст. А. дар таъриҳи адабиёти форсӣ-тоҷик аз аввалин касонест, ки қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба номи «Анис ул-муридин ва шамс ул-маҷолис» ба наср таҳрир карда, дар он мақолу зарбулмасал ва ҳикояту латифаҳои халқиро фаровон ба кор бурдааст. Аз осори арабии А. ҳоло «Манозил ус соирин» маъруф аст. Аз 6 ҳазор байти ашъори арабии ӯ чиле дастрас нест. Осори А. ба равнаки адабиёти бадеии форсӣ-тоҷик таъсири бузург бахшидааст: 1) асарҳои ӯ (алалхусус «Манозил-ус-соирин») барои пайдоиши достонҳои дидактикӣ замина фароҳам оварданд, ки баъдтар ин жанрро Саноӣ ва Носири Хисрав ҳеле инкишоф доданд; 2) насри мусаҷҷаъ, ки баъдтар дар адабиёти форсӣ-тоҷик ҳеле тараққӣ кард, аз таълифоти А. оғоз шудааст; 3) инкишофи назми романтикии тасаввуфӣ ба номи А. зич алоқаманд аст ва «Анис ул-муридин»-и ӯ дар таъриҳи назми романтикии тасаввуфии форсӣ-тоҷик мақоми маҳсус дорад.

Асоси ҷаҳонбинии А. таълимоти *тасаввуф* аст, ки мувофиқи он таомоми мавҷудот таҷаллии нури илоҳист. Вале А. аз суфиёни эътидолӣ буд ва мекӯшид тасаввуфро бо ислом ошти диҳад. Назариёти тасаввуфии А. чун тамоми тасаввуф поя ва асоси илмие надорад ва ба назариёти илмии роҷеъ ба оламу одам мухолиф аст. Аммо сарфи назар аз ин дар таълимоти ӯ ҷиҳатҳои салим низ ба назар мерасанд, ки ҳоло ҳам аҳамияти ҳудро гум накардаанд. Инсондӯстӣ аз ҷумлаи ҳамин ҷиҳатҳои салими ақоиди ӯст, ки дар танқиди беадолатиҳои замон, зулму золимии давр ва арбобони айём, дар мазаммати ахлоқи замима ва сӯфиёну рӯҳониёни риёкор, дар тарғиби адолат, ахлоқи ҳамида, ҷавонмардию накӯкорӣ, дӯстӣ зоҳир мешавад.

Ад.: Бертельс Е. Э., Суфизм и суфийская литература, М., 1965.

А. Афсаҳов, С. Воҳидов.

АНСОРӢ انصاری Зоеъ (тав. 6. 11. 1924, Мератҳ), адабиётшинос ва публицисти ҳиндӣ. Ба забони урду менависад. Коллеҷро с. 1940 хатм кардааст. Дар матбуот аз с. 1943 ширкат дорад. Аввалин очерки танқидии А. «Бернард Шоу» с. 1951 чоп шудааст. Китоби ашъор ва насри А. «Варақ ба варақ» с. 1952 аз чоп баромад. Асари А. «Коммунистон дар бораи мазҳаб» (1957) ба тадқиқ ва таҳлили марксистӣ-ленинии пайдоиш ва инкишофи дин ва масъалаҳои ахлоқи коммунистӣ оид аст. Осори адаби-танқидии А. дар китоби «Забону баён» (1959) гирд оварда шудааст, ки дар он муаллиф аз мавқеи пешқадами ҷамъиятӣ ва афкори эстетикӣ масъалаҳои умдаи таъриҳи адабиёти асримиёнагӣ ва ҳозираи урдуро тадқиқ намудааст. Ба урду 26 китоб тарҷума кардааст, ки аксари онҳо ба масъалаҳои таъриҳи афкори пешқадами ҷамъиятӣ-фалсафӣ оид мебошанд. А. с. 1970 ба Тоҷикистон омада, дар мавзӯи дӯстии халқҳои советию Ҳиндустон бо унвони «Равобити мо хеле қадимист» («Садои Шарқ, 1971, № 1) мақолае навишта буд.

АНСОРӢ Файзулло (тав. 20. 3. 1931, деҳаи Нигноти ш. Панҷакент), шоир ва драматурги советии тоҷик. Аз оилаи ҳизматчӣ. С. 1951 фак-ти забон ва адабиёти Ин-ти педагогии Душанберо хатм карда, чанде дар ҳамин донишкада муаллим буд. Аз с. 1953 дар идораҳои нашриёт, радио ва телевизион кор карда, с. 1962 курси олии Ин-ти адабии ба номи Горькийро ба итмом расонид. Шеърҳояш аз с. 1948 чоп мешаванд. «Гулдастаи дӯсти» (1956) маҳустии маҷмӯаи шеърҳои ӯст. Ашъору сурудҳояш дар маҷмӯаҳои «Тори ҳиҷом» (1963), «Бутаи гул» (1970) ва «Оинаи дил» (1973) ба табъ расидаанд. А. муаллифи чанд достон аст: «Офтоб дар роҳ» (1957), «Гулшан» (1958), «Шарофат» (1963). Лирикаи ишқӣ ва суруд қисми муҳимми эҷодиёти ӯро ташкил медиҳад; бастакорону оҳангсозони тоҷик ба бисёр шеърҳои А. оҳанг бастаанд. Бо пьесаҳои «Имтиҳон» ва «Ҳаёт ва ишқ», ки с. 1958 Театри академии драмаи Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ ба саҳна гузошта буд, А. чун драматурги касбӣ шиноҳта шуд. Корубори зиёёни тоҷик, хониш ва муҳаббати ҷавонон мавзӯи асосии драмаҳои А. қарор гирифтааст. Пьесаҳои «Иҷоранишин» (1961), «Ҳукми модар» (1962), «Баъди имтиҳон» (1971), «Як либос атлас» (1972), «Хатро ман навиштам» (1973), «Духтари актриса» (1973), «Модар нигарон буд» (1973) ва г. дар театрҳои республика намоиш дода шуданд. Муҳимтарин драмаҳои А. дар маҷмӯаҳои «Имтиҳон» (1961), «Тори ҳиҷом» (1963) ва «Зинапоя» (1976) ба табъ расидаанд. Либреттои операи «Пӯлод ва Гулрӯ» низ ба қалами А. мансуб аст. Аз осори манзуми А. ду маҷмӯа: «Офтоб дар роҳ» (1957) ва «Ситораи муҳаббат» (1967) ба русӣ нашр гардидааст. Вай бисёр асарҳои шоирону драматургҳои советӣ ва ҳоричиро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Аз с. 1954 узви ИН СССР. Бо медали «Барои меҳнати шоён» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РССБ мукофотонида шудааст.

Ад.: Адибони Тоҷикистон, Д., 1968; Писатели Таджикистана, Д., 1976.

Ю. Акбаров.

АНТАГОНИЗМ (юн. antagonisma — баҳс, муборизa), яке аз шаклҳои зиддияти оштинопазири ичтимоӣ, ки дар задухӯрди синфҳо ва гурӯҳҳои ичтимоии манфиатҳояшон мухолиф (ғуломон ва ғуломдорон, деҳқонон ва феодалон, пролетарҳо ва буржуазия) зоҳир мегардад. Зиддиятҳои А.-ро моликияти хусусӣ будани воситаҳои истеҳсолот, зиддияти байни характери ҷамъиятии истеҳсолот ва шакли хусусии азхудкунии маҳсули он ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин барҳам додани моликияти хусусии воситаҳои истеҳсолот ва пест кардани синфҳои истисморкунанда шарти асосии бартараф намудани А.-ҳои ичтимоӣ аст. А.-ро рев. пролетарӣ бартараф мекунад. В. И. Ленин таъкид мекард, ки «антагонизм на зиддият асло як чиз нестанд. Якумин барҳам меҳӯрад, дуюмин дар замони социализм боқӣ мемонад» (Ленинский сборник, XI, 1929, сах. 357). Ниг. низ *Зиддият*.

В. Бобылев.

АНТАНАНАРИВУ, Тананариве, (Antananarivo, Tananarive), пойтахти Республикаи Демократии Мадагаскар. Дар пуштакӯҳи кисми марказии ҷаз. Мадагаскар воқеъ аст. Маркази сиёсӣ, маданӣ ва иқтисодии мамлакат. Аҳол. 350 ҳаз. наф. (1973). Р. о. А.-ро бо бандарҳои Таматаве ва Анцирабе пайваст мекунад. Узели роҳҳои автомобилгард. Саноати ҳӯ-

рокворӣ, чарму пойафзол, корхонаҳои саноати химия, чӯбгарӣ; ун-т, Академияи фанҳо, музейҳо ва расадхона дорад. Нимаи аввали а. 17 буньёд ёфтааст. А-ҳои 17—19 қаронгоҳи шоҳони Мадагаскар буд. Аз 26 июни 1960 пойтахти Респ. Мадагаскар.

АНТАНТА (франс. Entente аз Entente cordiale — «ризоият аз дил»), иттифоқи империалистии Англия, Франция ва Россияи подшоҳӣ, ки с-ҳои 1904—07 ташкил шуда, дар давраи *ҷанги якуми ҷаҳонӣ* ба муқобили Германия ва иттифоқчиёни он (Иттифоқи сегона) бештар аз 20 давлатро муттаҳид намуд. Ташкил ёфтани А. ихтилофи байни иштирокчиёни онро кам карда бошад ҳам, тамоман бартараф нанамуд (мас., рақобати Англияю Россия дар Эрон, низои се иштирокчии А. дар Балкан ва Туркия). Германия кӯшиш мекард, ки мухолифати давлатҳои А.-ро тезу тунд кунонида, Россияро аз иттифоқчиёнаш дур намояд. Аммо мақсадҳои стратегии ҳукумати подшоҳӣ, вобастагии молиявии Россия ба Франция, инчунин нақшаҳои истилогарони худи империализми Германия ба амалӣ шудани ин ҷидду ҷаҳди Германия монеъ мегардид. Давлатҳои А. ҳам, дар навбати худ, мақсад доштанд, ки Италия ва Австрияю Венгрияро аз Иттифоқи сегона барканор кунанд. Маи 1915 Италия ба тарафи А. гузашт. Аз рӯзҳои аввали ҷанги якуми ҷаҳонӣ мамлакатҳои А. якҷоя ба ҷанг даромаданд. Дар рафти ҷанг ба иттифоқи А. давлатҳои нав ҳамроҳ шуданд, то охири ҷанг ба ҳайати он (ба истиснои Россия, ки баъди Рев. Октябрь аз ҷанг даст кашида буд) боз 28 давлат дохил шуд. Баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь мамлакатҳои А. ва ШМА ба Давлати Советӣ ҳуҷум карданд. Халқи советӣ бо роҳбарии Партияи Коммунистӣ таҷовузи А.-ро барҳам дод.

АНТАНТАИ ХУРД, иттифоқи Чехословакия, Румыния ва Югославия, с-ҳои 1920—21 ташкил шуд. Мақсади А. х. баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Европаи Марказӣ ва Ҷанубу Шарқӣ нигоҳ доштани таносуби қувваҳо буд. Дар системаи ҳарбию сиёсии франсавии иттифоқҳои Европаи с-ҳои 1920—30 воситаи ҳалкунанда ба шумор мерафт. Дар зери таъсири сиёсати берунаи Франция мавқеи зиддисоветиро ишғол мекард. А. х. дар ихтиёри худ қувваҳои зиёди ҳарбӣ дошт. Баъди қабули Плани Дауэс (1924) ва ба имзо расидани шартномаҳои Локарно (1925) мавқеи Франция дар Европа суст гардид, ки ин А. х.-ро заиф кард. Франция бо мақсади дар байни иштирокчиёни А. х. нуфузи худро нигоҳ доштан бо онҳо шартномаҳои ҳарбию сиёсӣ баст (бо Чехословакия 25 янв. 1924, Румыния 10 июни 1926, Югославия 11 нояб. 1927). Бо вуҷуди ин дар натиҷаи бо Англия, Венгрия, хусусан бо Италия наздик шудани Румыния ин аҳдномаҳо барои Франция аҳамияти худро гум карданд. Дар натиҷаи ба *Созишномаи Мюнхен* с. 1938 имзо кардани Англия ва Франция, ки боиси истилои Чехословакия гардид, А. х. пароканда шуд.

АНТАРА عنترة ибни Шаддоди Абсӣ (525, Нҷд — тақр. 615), шоири араб. Падараш аз ашрофи қабилаи Абс. Аз А. девоне иборат аз 1500 байт ва як қасидаи муаллақа (79 байт) боқӣ мондааст. Ашъораш аз васфи ҷасорату корномаи майдони ҳарб, ғазалҳои ишқӣ ва мадҳӣ иборат аст. Дар қасидааш асосан покии тинати инсон, олиҳиммати, озодихоҳию мардонагӣ тараннум шудааст. Азбаски А. савори нотарс ва ҷанговари баҳодуре будааст, ба қаҳрамони ривоятҳои халқӣ табдил ёфта, дар охири а. 10 бо унвони «Сирати Антара» достоне ҳам ба вуҷуд омадааст.

А. Аҳмадҷонзода.

АНТАРКТИДА, материк дар қисми марказии *Антарктика*. Қариб пурра дар доираи Қутби Ҷанубӣ воқеъ буда, фақат канори шимолии нимҷаз. Антарктида ва баъзе қитъаҳои А.-и Шарқӣ аз ин доира берунанд. А. нисбат ба Қутби Ҷанубӣ ғайрисимметрӣ хобидааст: қисми зиёди материк ба тарафи уқ. Ҳинд тӯл мекашад. Аз тарафи уқ-ҳои Орому Атлантик б-ҳои канории Росс ва Уэдделл хеле ба Ҷ. (қариб то 78° а. ҷ.) дохил шудаанд. Ба тарафи Америкаи Ҷанубӣ нимҷазираи тӯлонию камбари Антарктида кашол меёбад; канори шимолии он — дим. Сифре то 63°13′ а. ҷ. (нуқтаи шимолтарини А.) мерасад. Масоҳ. А. 13 975 ҳаз. км² (1 582 ҳаз. км²-и он аз пирьях ва ҷаз-ҳои шельфӣ иборат). Ин ҷаз-ҳоро пирьяхҳо ба материк пайвастаанд. Баландии миёнаи А.— 2040 м, аз ҳама зиёдаш 5140 м (массиви Винсон дар к-ҳои Элсуорт).

Қисми зиёди материк (А.-и Шарқӣ)-ро платформаи токембрии Антарктида ташкил медиҳад, ки онро кӯҳҳои нисбатан ҷавон иҳота кардаанд. Терр. А.-и Ғарбиро плитаи қадим ишғол мекунад. Ноҳияи паҳновари назди нимҷаз. Антарктида (А.-и Ғарбӣ) ва худи нимҷазира минтақаи чиндори андӣ буда, танҳо дар қисми шарқии ин ноҳия мавҷудияти боқимондаи зонаҳои чиндори боз ҳам қадимтарро тахмин кардан мумкин. Конҳои ангиштсанг, маъдани оҳан, мис, сурб, рух, графит ва минералҳои берилл, булӯри кӯҳӣ ошкор гардидаанд.

А. аз материкҳои диг. бо яхбандии ғафс фарқ мекунад. Фақат 0,2—0,3% терр. он яхпӯш нест; қуллаҳои ҷудогона, қ-кӯҳҳо ва қитъаҳои паст он қадар калони хушкии назди соҳил (воҳаҳои Антарктида) аз он ҷумлаанд. Ғафсии қабати ях ба ҳисоби миёна дар А. 1720 м, ҷои ғафстаринаш бештар аз 4,5 км; ҳаҷми умумии ях — қариб 24 млн. км³. Қабати ғафстарини ях дар пастхамиҳои материк вомехӯрад. Умқи чунин пастхамиҳо аз 1,5 км бештар аст.

Иқлими А. ба 3 зонаи калон тақсим мешавад: зонаҳои баландкӯҳи дохили материк, нишебаҳои пирьяхӣ ва назди соҳил. Зонаи дохили материк сатҳи марказии пуштакӯҳи пирьяхии Антарктидаро, ки аз 3000 м баландтар воқеъ аст, дарбар мегирад. Дар ин зона ҳарор. пасттарини кураи Замин, ҳавои софи доимӣ ва бодҳои суст ҳукмфармост. Ҳарор. миёнаи солона —50°, —60° С, ҳарор. пасттарин (—88,3°С) дар станцияи автоматии Восток ба қайд гирифта шудааст. Зонаи нишебаҳои пирьяхӣ аз зонаи дохили материк ба Шим. паҳн шуда, А.-ро бо минтақаи бараш 700—800 км печон-

Пирьяхи Канада дар водии Тейлори Антарктида. Девори яхӣ, ки 475 м баландӣ дорад.

Селаи пингвинҳо дар Антарктида.

дааст. Ҳарор. миёнаи солона —20° —50° С. Дар ин ҷо ҳарор. пасти муттасил, бодҳои сахти доимӣ ва бӯронҳои шадиде, ки аз қисмҳои дохили материк меваванд, ҳукмронанд. Зонаи назди соҳил А.-ро чун минтақаи борик ихота кардааст: ҳарор. миёнаи солонаи ин ҷо нисбатан баландтар (—10°, —20° С) буда, дар қисми зиёди соҳил тез-тез тӯфон ва бӯронҳо ба амал меоянд.

Олами набототи А.-ро ушна, гулсанг, обсабзҳо, замбӯругҳо ва г. ташкил медиҳанд. Олами ҳайвоноташ низ камбағалу якранг аст. Дар ин ҷо ҳашароти паррон, ширхорҳои хушкигард ва моҳиёни обҳои ширин вонамехуранд. Фақат якчанд намуди бугумпоҳо дучор мешаванд. Аз парандаҳо пингвин бисьёр аст.

А. аҳолии муқимӣ надорад. Ҳозир дар материк ва ҷазираҳои атрофи он кариб 30 станцияи илмӣ ва базаҳои 12 мамлакати ҷаҳон тадқиқот мебаранд. Дар ин станцияҳо то 600—700 нафр одам зимистон мегузаронад.

Экспедицияи баҳрнавардони рус (1819—21) бо роҳбарии Ф. Ф. Беллинсгаузен ва М. П. Лазарев, ки А.-ро яъне 1920 кашф намуд, дар бораи мавҷудияти хушкии паси доираи Қутби Ҷануби маълумоти аввалин дод. Ибтидои а. 20 тадқиқотчиёни Қутб—англисҳо Р. Скотт (1901—04, 1910—12) ва Э. Шеклтон (1907—09), норвег Р. Амундсен (1910—12) аввалин шуда ба Қутби Ҷануби расиданд; австралияги Д. Моусон (1911—14) ва дигг. ба ноҳияҳои дохилии материк сафарҳо карданд. Аз с. 1928 омӯзиши А. бо ёрии самолётҳо оғоз ёфт: америкои Ҷ. Уилкинс (1928—30), англис Л. Элсуорт (1935, 1938—39), америкои Р. Бэрд (1929—31, 1933—35, 1939—41, 1946—47) дар ин бобат ташаббус нишон доданд. Тадқиқоти нави А. дар давраи сеюмини Соли Байналҳалқии Геофизики (1957—58) вусъат ёфт, дар ин муддат доир ба омӯхтани А. корҳои бузурге анҷом дода шуда, станцияҳои махсуси илмӣ таъсис ёфтанд. Мас., станцияҳои совети — Мирный, Восток, Қутби Даст, Ворас ва г.; станцияҳои америкои — Амундсен—Скотт дар Қутби Ҷануби, Бэрд, Мак-Мердо ва г., инчунин станцияҳои мамлакатҳои дигг. Дар омӯзиши А. саҳми экспедицияҳои антарктикии советӣ бузург аст. Сеяки соҳилҳои А.-ро олимони советӣ тадқиқ карда, бештар аз 200 объекти номаълумро дар харита қайд намуданд.

Харитаро нигг. дар сах. 96—97.

Ад.: Трешников А. Ф. История открытия исследования Антарктиды. М., 1963; География Антарктиды, М., 1968.

АНТАРКТИКА, ноҳияи қутби ҷанубии кураи замин буда, материки *Антарктида* ва хушкиҳои атрофи онро дар уқ-ҳои Атлантик, Ҳинд ва Ором (уқ. Ҷануби), б-ҳои Уэдделл, Росс, Амундсен ва Беллинсгаузен, инчунин ҷаз-ҳои Георгияи Ҷануби, Сандвичеви Ҷануби, Оркнейи Ҷануби, Шетленди Ҷануби ва г.-ро дарбар мегирад. Одатан зонаи як шудани обҳои сарди ҷанубӣ ва нисбатан гарми шимолиро сарҳади А. меҳисобанд, ки он аз мобайни 48°—60° а. ҷ. мегузарад. Дар ин ҳудуд масоҳати А. кариб 52,5 млн км² аст.

Харитаро нигг. дар сах. 96—97.

Рельеф. Рельефи А. ба ду категорияи асосӣ — континентӣ ва уқьёнуси тақсим мешавад. Структураи морфологии қисми континентии А. дар қаъри баҳрҳои атрофаш бо шельф (тунукобаи материкӣ) идома меёбад. Шельфи ин ҷо назар ба шельфи материкҳои дигг. чуқуртар (ба ҳисоби миёна то 500 м) аст. Минтақаи дохилии тунукобаи материк рельефи пасту баланди ноҳамвор дорад, ки натиҷаи дислокацияҳои навтарин (тағйироти навтарини қишри замин) аст; минтақаи берунии он рельефи ҳамвор дошта, ҷо-ҷо баландиҳо боқӣ мондаанд. Ин баландиҳо одатан дар ҷои баромади ҷинсҳои устувор воқеъ гаштаанд. Тунукобаи материк ба сӯи уқьёнус якбора то 4000—5000 м ва аз он ҳам зиёд паст шуда меравад. Қаъри уқ-ҳои атрофи Антарктида аз ҳамвориҳои аккумулятивӣ, хамиҳои бо баландиҳо иҳоташуда (хамиҳои Африкаю Антарктика, Австралияю Антарктика ва г.; баландии Австралияю Антарктика, қ-кӯҳҳои Африкаю Антарктика ва г.) иборатанд. Қуллаи қ-кӯҳҳои зериобӣ аксар то сатҳи баҳр расида, баъзан берун баромада, ҷазираҳоро ташкил медиҳанд (Буве, Принс-Эдуард, Кергелен, Георгияи Ҷануби, Сандвичеви Ҷануби ва г.). Қад-қади ҷаз-ҳои Сандвичеви Ҷануби бо ҳамин ном новаи борик тӯл кашидааст. Ҷои амиқтарини уқ. Ҷануби (8428 м) дар ҳамин нова аст.

Иқлим. А. — минтақаи хунуктарини кураи замин аст. Барои А. ҳарор. паст, шамолҳои сахт (дар як соия то 75 м), бӯронҳои барфолуд, туман ҳодисаҳои муқаррарианд. Иқлими А. ҳамеша хунук. Дар давоми сол дар ноҳияҳои субантарктикӣ ба туфайли гармигунҷоиши калони массаи об ҳарор. ҳаво қариб як хел аст: ҳарор. миёнаи моҳи гармтарин 10° С, моҳи хунуктарини аз 0° С дар ноҳияҳои шимолӣ то —10° С дар ноҳияҳои ҷанубӣ. Дар назди соҳилҳо фақат барф, вале дар ҷаз-ҳои шимоли борон ҳам меборад. Боришоти солона дар соҳилҳои Антарктида 300—500 мм, дар соҳилҳои шим. гарбии нимҷаз. Антарктида ва ҷаз-ҳои субантарктикӣ то 1000 мм ва аз ин бештар. Материк ва ҷаз-ҳои назди он яхпӯшанд, дар ноҳияҳои шимолтар кӯҳҳои яхпӯш ва гунбазҳои пирьяхи мавҷуданд. Уқ. Ҷануби — ноҳияи пурталотумтарини уқ. Олам мебошад. Баландии мавҷ-

Ландшафти кӯҳи дар Антарктидаи Ғарбӣ.

ҳои баҳр дар ин ҷо то 10—15 м (баъзан то 23 м) мерасад. Майдони яхбандии баҳрҳо аз мавсим то мавсим хеле тағйир меёбад: охири зимистон қариб 20 млн км², тобистон — қариб 2,5 млн км². Яхҳои бисьёрсола дар А. каманд. Айсбергҳо бештар дар назди соҳилҳои Антарктида вомехӯранд. Тӯли айсбергҳо то 170 км, баландии онҳо берун аз об то ба 50 м мерасад.

Олами органикӣ. Дар ҷаз-ҳои А. фақат набототи тундрагӣ паҳн шудааст. Флораи Антарктида аз растаниҳои ҳоғдор — ушна, гулсанг, обсабзҳо, занбӯруг ва бактерияҳо иборат аст. Олами ҳайвоноти А. ниҳоят камбағал буда, намуди хоси худро дорад. Олами ҳайвоноти баҳр назар ба хушкӣ бойтар аст. Аз бемӯҳраҳо махсусан криль (планктони ғӯшмоҳишакл) паҳн шудааст, ки он хӯроки асосии моҳиёни гуногун ва паррандаю ширхорҳост. Олами ҳайвоноти қаъри баҳр хеле гуногун аст: кирм, молюск ва моҳиҳо. Аз паррандаҳо тобистон мурғи тӯфон, альбатрос ва ғ. бисьёранд. Дар А. пингвинҳо (17 намуд) аз ҳама бештаранд. Аз ширхорҳо белпой ва кит ҳаст. А. минтақаи муҳими шикори кит мебошад.

Таъриҳи тадқиқот. Ҷустуҷӯи материки ҷанубӣ дар арзҳои мӯътадил ва кашфи ҷаз-ҳои антарктикӣ а. 16 оғоз ёфт (А. Веспуччи, 1501—02) ва то нимаи а. 19 давом дошт. Дар ин давра баҳрнавардони рус Ф. Ф. *Беллинсгаузен*, М. П. *Лазарев* (янв.-февр. 1820) Антарктидаро кашф намуданд; киштиҳои шикорӣ ва экспедицияи илмии англисӣ, америкӣ, франсавӣ ва норвегӣ аксари ҷаз-ҳои А. ва қисми наздисоҳилии материкро кашфу тадқиқ карданд. Охири а. 19, баъди дар Арктика ваҳшиёна қир шудани китҳо, А. боз диққати аҳли оламро ба худ кашид. С-ҳои 1900—55 (давраи тайёри ба Соли Байналхалқии Геофизикӣ) дар зери байраҳои Британияи Кабир, Австралия, Аргентина, Бельгия, Зеландияи Нав, Норвегия, СССР, ШМА, Франция, Швеция, Чили ва Японня ба А. даҳҳо экспедиция ташкил шуда буд. Дар давоми Соли Байналхалқии Геофизикӣ (1957—58) дар материк ва ҷаз-ҳои атрофи он 50 станцияи илмии 12 давлати ҷаҳон аз рӯи барномаи солона амал мекарданд. Баъзе аз ин станцияҳо ҳамагӣ 1—2 сол кор карда бошанд ҳам, қариб 30 станцияи илмии дигар чандин сол инчониб амал мекунанд ва мунтазам мушоҳидаҳои аэрометеорологӣ, актинометрӣ, геомагнитӣ, гидрологӣ ва гляциологӣ мегузаронанд.

Ад.: Атлас Антарктики, т. 1, М.-Л., 1966; Барков Н. И., Тарасова Ж. А., Десять лет советских исследований в Антарктике. Библиографический указатель отечественной литературы за 1956—65 гг., Л., 1968; География Антарктиды, М., 1968.

АНТВЕ́РПЕН, Анвёр (фламандӣ Antwerpen, франс. Anvers), шаҳр дар шим. Бельгия, дар соҳили д-и киштигарди Шельда ва кан. Альберт (90 км дуртар аз б. Шимолӣ) воҳеъ аст. Яке аз бандарҳои калонтарини дунёё. Маркази маъмурии музофоти Антверпен. Аҳол. 230,2 ҳаз. наф. (1971), бо атрофаш 700 ҳаз. Маркази муҳими савдою нақлиёт, молияю саноат. Соҳаҳои саноати мошинсозӣ, хусусан киштисозӣ, металлургияи ранга, химия, коркарди нефть, бофандагӣ, хӯрокворӣ тараққӣ кардааст. Дар А. консерватория, ин-ти тиҷорат, бисьёр ёдгориҳои меъморӣ мавҷуд аст. Музеи королии санъати нафиса, хона-музеи П. П. Рубенс аз ҷумлаи калонтарин музейҳои А. мебошанд. Ҳар ду қисми шаҳр ба воситаи туннельҳои зери дарьё пайваст мешавад. А. нахустин бор дар маъхазҳои а. 7 номбар шудааст.

АНТЕЙ, дар асотири Юнони Қадим паҳлавони азимҷусса, ҳокими Либия, писари Посейдон ва Гея (Замин). А. дар ҷанги тан ба тан мағлубнопазир буд, асоси иқтидори ӯ замин-модар ҳисоб меёфт ва А. аз он қувва мегирифт. Аз замин-модар канда шудани А. заволи ӯ буд. *Геракл* пои ӯро аз замин канда, дар ҳаво хафа карда кушт.

АНТЕКЛИЗА (аз *анти*... ва юн. klisis — моилӣ), барҷастагиҳои паҳнои қабатҳои қишри замин дар ҳудуди платформа, акси *синеклиза*. А. тарҳи нодуруст дошта, паҳнои он ба садҳо км мерасад. Таҳкурсии А.-ро ҷинсҳои кристаллии токембрий ташкил медиҳанд; онҳо бо қабати ҷинсҳои таҳшин пӯшида шудаанд. Инкишофи А. давомнок буда, чандин давраҳои геологиро дарбар мегирад. Одатан дар тоқи А. табақаи ҷинсҳои таҳшин тунуканд ё аксаран нестанд. Дар ин сурат таҳкурсии платформа бар рӯи замин намоён мегардад. А.-ҳои Волгаю Урал, Воронеж, Белоруссия дар платформаи Рус ва А.-и Анабар дар платформаи Сибирь намунаҳои хоси А. ба шумор мераванд.

АНТЕ́ННА (лот. antenna — мӯйлаби ҳашарот), таҷҳизотест барои афканиш ва қабули радиомавҷҳо. А.-ҳои ирсол ва қабул мавҷуданд. А.-и ирсол энергияи ҷараёни тағйирёбандаро, ки аз генератор (передатчик) меояд, ба энергияи мавҷҳои электромагнитӣ (радиомавҷҳо) табдил медиҳад, ки аз А. ба самтҳои муайян паҳн мешаванд. А.-и қабул энергияи мавҷҳои электромагнитӣ (радиомавҷҳо)-ро аз фазои атроф қабул карда, ба энергияи ҷараёни тағйирёбанда табдил медиҳад, ки дар таҷҳизоти қабул (приёмник) истифода мешавад. Миқдори энергияи қабулкарда ба нисбати андозаҳои А. бар дарозии мавҷ мутаносиб мебошад. Ҳар як А.-и ирсолро чун А.-и қабул ё ҳар як А.-и қабулро чун



Антеннаи станцияи радиолокационии «Горизонт» дар Расадхонаи астрономии Ҳисор.

А.-и ирсол кор фармудан мумкин аст, чунки ҳамаи хусусиятҳои электрикии онҳо ба ҳамдигар монанданд. А. самтияти амал дорад, яъне радиомавҷҳоро вобаста ба самт беҳ ё бад қабулу ирсол мекунад. Ба параметрҳои асосии А. диаграммаи самтият, коэффициенти амали муфид (КАМ), коэффициенти самтияти амал (КСА), коэффициенти таҳвият (КТ), коэффициенти амали муҳофизатӣ ва ғ. мансубанд. КАМ-и А. нисбати иқтидори энергияи мавҷи фиристодашавандаро ба иқтидори энергияи аз передатчик оянда ифода мекунад. КСА нишон медиҳад, ки ҳангоми ба А.-и ғайрисамтнок иваз намудани А.-и самтнок барои дарҷои қабул бетағйир нигоҳ доштани шиддатнокии майдони иқтидори мавҷафканиро чанд карат фузун бояд кард. Ҳосили зарби КСА ва КАМ-ро коэффициенти таҳвияти А. меноманд. Шакл, андоза ва сохти А.-ҳо ба дарозии мавҷҳои фиристодашаванда ё қабулшаванда ва таъиноти А. вобаста мебошад. А. дар намуди порчаи ноқил, комбинацияи порчаҳои ноқил, оинаҳои металлии инъикоскунанда, спиральҳои металлӣ ва ғ. сохта мешавад.

Ад.: Никольский В. В., Антенны, М., 1966.

АНТЕРИ́ДИЙ (аз юн. antheros — шукуфон), узви ҷинсии наринаи растаниҳои спорадор (обсабз, занбӯруг, ушна ва ғ.).

АНТИ... (юн. anti... зид), префикс, ки маъноии зиддият ё душманиро ифода мекунад, бо «зидди...» айният дорад. (Мас.: антифашистӣ...).

АНТИА́ПЕКС, нуқтаи сфераи осмон, ки муқобили *апекс* аст.

АНТИБАРИОНҲО́, заррахои элементарие, ки нисбат ба *барионҳо* антизарра мебошанд. Хусусияти умумии ҳамаи А. ин аст, ки дар бархӯрди онҳо бо барионҳо ҳодисаи аннигиляция (ниг. *Аннигиляция ва тавлиди ҷуфт*) эҳтимолияти хеле зиёд дорад. Дар натиҷаи аннигиляция А. ва барионҳо нобуд мегарданду ба ҷои онҳо л-мезонҳо, *К*-мезонҳо ва фотонҳо тавлид меёбанд.

АНТИБИОТИКҲО́ (аз *анти*... ва юн. bios — ҳаёт), моддаҳои биологии микроорганизмҳо синтезкардае, ки руш-

ди бактерия ва диг. микроорганизмҳо, инчунин вирус ва ҳуҷайраҳоро қатъ менамоянд. Олимони рус В. А. Манассеин ва А. Г. Полотебнев аввалин шуда дар байни маҳсули маҳори саба ва бактерияҳо мавҷудияти антагонизмро кашф карданд ва ин ҳодисаро барои муолиҷаи ҷароҳати мадданок истифода бурданд. А.-ро дар саноат аз бактерия (грамицидин, полимиксин ва ғ.), аз актиномицет (стрептомицин, тетрациклин, неомицин, эритромицин, рифамицин, циклосерин, канамицин ва ғ.), аз занбӯруғаҳои дарахтаи паст (пенициллин, фумагилин, цефалоспорин, рамицин ва ғ.) ва аз растанӣ ҳосил мекунанд. Лизоцим, эритрин, экмолин, ингибин, интерферон ва якчанд диг. А. аз ҳайвонот ҳам гирифта шудаанд. Дар амалиёти тиббӣ муосир А.-и нимсинтезии кобилияти зиддибактерияиашон зиед ҳам истифода мешаванд. Ампициллин, оксациллин, клоксациллин ва ғ. чуниҷ А.-анд. Зиёда аз 2000 навъи А. маълум бошад ҳам, аз сабаби таъсироти заҳрнокии аксари онҳо дар муолиҷа миқдоре аз онҳо истифода мешаванд. А. дар муолиҷаи беморихои сирояти ва баъзе омосҳои ҳавфнок васеъ истифода мешаванд. Механизми таъсири А. ба микробҳо гуногун аст. Аз ин рӯ, фоидабахшии муолиҷа бо А. аз дуруст интихоб кардани онҳо бар зидди бемории вобаста аст, ки инро фақат духтур муайян карда метавонад. Муайян намудани реакцияи организми бемор нисбат ба А. зарур аст. Ин барои аз бӯйи бемории (каҳир, астмаи аллергӣ, варамҳои раг ва ғ.) эмин доштан аҳамияти калон дорад. Ҳангоми муттасил истифода бурдани А. дар организм микробҳои ба А. устувор ба вуҷуд меоянд, ки боиси беморихои вазнин мегардад. Дар ин ҳолат дорухои нав е истифодаи муштараки якчанд А. тавсия мешавад.

[illegible] В. Антибиотики. Интерферон. Бактериальные полисахариды. М. [illegible]. Кассирский И. А., Милевская Ю. М. Очерки современной клинической терапии. Ташкент, [illegible].

А. М. Пулосов.

АНТИВИТАМИНҲО (аз *анти...* ва [illegible], ҷурӯҳи моддаҳои органикие, ки витаминҳои аз чиҳати биологӣ фаъолро сӯст ва бетаъсир мекунанд. Онҳо дар реакцияҳои биохимиявӣ катализаторҳои ҳаҷмӣ — витаминҳоро иваз карда, ҳамгузоранд, ки дар мубодилаи модда ҷӯн катализатор амал кунанд. А. бо сохти химиявиашон ба витаминҳои мутобиқ наздикаанд. Онҳо дар ҳолати ба организм бо хӯрок ба миқдори кофӣ дохил ё ҳосил шудани витаминҳо ҳам боиси [illegible] мегардаанд. Таъсири А.-ро дар организм дар натиҷаи илова намудани миқдори муайяни витаминҳо [illegible] кардан мумкин аст.

АНТИГЕНҲО (аз [illegible] ва [illegible] genos — [illegible]), моддаҳои коллоиди калонмолекула, ки ҳангоми ба организми ҳайвонот ва одам ворид намудан боиси ҳосил шудани *антиҷисмҳо* мегарданд.

АНТИГУА (Antigua), мулки Британияи Кабир дар Вест-Индия. Аз ҷаз-ҳои Антигуа, Барбуда (160 км²) ва Редонда (2,6 км²) иборат аст. Масоҳ. умумиаш 442 км². Аҳол. 60 ҳаз. нафр. (1970), асосан зангиҳо. Шаҳр ва бандари асосиаш Сент-Ҷонс. Найшакар ва пахта меруяд. Даромади асосӣ аз туризм ва экспорти қанд аст. Аз с. 1632 мустамликаи Англия. С-ҳои 1958—62 ба ҳайати федерацияи Вест-Индия дохил мешуд. С. 1967 Англия ба А. статуси давлати «ҳамманфиати Британияи Кабир»-ро дода, ҳуқуқи худро дар ҳалли масъалаҳои байналхалқӣ ва мудофиаи терр. А. нигоҳ дошт.

АНТИДЕТОНАТОРҲО, пайвастҳои химиявӣ, ки барои бар зидди *детонация* устувор гардондани сӯзишворихои моторӣ ба онҳо илова карда мешаванд (аз 1% камтар). Тетраэтили сурб (ТЭС), тетраметили сурб, пентакарбонилоҳан ва ғ. А.-и маъмуланд. ТЭС-и моеъ (моеъи этилӣ) бештар истифода мешавад. Ба таркиби ТЭС як ё якчанд моддаҳои сурброи (мас., этили бромдор, дибромэтан, дибромпропан ва ғ.) ҳамроҳ мекунанд, ки онҳо ҳангоми сӯхтан бо сурб пайвасти бухоршаванда ҳосил карда, хориҷ мегарданд. Сӯзишворихои моторие, ки ТЭС доранд, заҳрноканд.

«АНТИ-ДЮРИНГ» («Таҳаддулоти ҷаноби Евгений Дюринг дар илм»), асари Ф. Энгельс, ки ба муқобили идеологи майдабуржуазии немис, материалисти вульгари Е. Дюринг равона шудааст. «А.-Д.» бори аввал чун силсилаи мақолаҳо дар газетаи «Форвертс» (1877—78) ва 1878 ҳамчун китоби алоҳида нашр шуд. «Дар ин асар бузургтарин масъалаҳои соҳаи философия, илми табиатшиноси ва илмҳои ҷамъиятшиноси таҳлил шудаанд... Ин китоб ба дараҷаи ҳайратангез пурмазмун ва ибратомез аст» (В. И. Ленин, Ас., ч. 2, саҳ. 12). «А.-Д.» аз Муқаддима ва се қисми асосӣ — Фалсафа, Иқтисоди сиёсӣ ва Социализм иборат аст. Дар муқаддима Ф. Энгельс зимни баёни очерки инкишофи фалсафа таҳриҳан ногузирии ба вуҷуд омадани марксизмро асоснок кард. Дар қисми якум Ф. Энгельс предмети материализми диалектикиро ҳамчун илми қонунҳои умумии ҳаракат ва инкишофи табиат, ҷамъияти инсонӣ ва тафаккур муайян карда, хулосаҳои муҳимтаринро оид ба ягонагии олам, материя ва хосияти он, ҳаракат, фазо, вақт ва ғ. ҷамъбаст ва асоснок намуд, масъалаи таносуби мантиқи диалектикӣ ва мантиқи шаклиро қатъиян ҳал кард. Дар қисми дуюми асар муаллиф ба таълимоти иқтисодии К. Маркс таҳлил карда, предмет ва методи иқтисоди сиёсиро муайян намуд, характери таъриҳии онро нишон дод. Ф. Энгельс дар ин қисм роли ҳалкунандаи иқтисодиётро дар тараққиёти ҷамъият асоснок ва пайдоиши моликияти хусусӣ ва синфҳоро муайян карда, роли прогрессивии зӯрии революциониро ҳангоми ивази сохти кӯҳнаи ҷамъиятӣ бо сохти нав баланд бардошт. Дар қисми сеюм Ф. Энгельс дар очерки таъриҳ ва назарияи социализми илмӣ нишон дод, ки социализми илмӣ баёни назарияви ҳаракати пролетарӣ буда, зиддиятҳои асосии капитализм, зиддияти байни қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, байни характери ҷамъиятии истеҳсолот ва шакли азхудкунии маҳсулотро танҳо революцияи пролетарӣ бартараф мекунад. Энгельс бо ҳамин ногузирии ҳалокати капитализм ва ғалабаи революцияи социалистиро асоснок кард.

Энгельс қонунияти ивазшавии даврҳои асосии таъриҳи фалсафаро нишон дода ба хулосае омадааст, ки таъбири материалистии таъриҳи ҷамъият барои омӯзиши тарзи капиталистии истеҳсолот заминаи илмӣ ба вуҷуд овард. Ба туфайли фаҳмиши материалистии таъриҳ ва назарияи арзиши изофа социализм аз утопия ба илм табдил ёфт. «А.-Д.» дар ташаккул ва инкишофи марксизм роли бағоят муҳим бозидааст. Ин асар намунаи татбиқи принципи партиявият дар фалсафа аст. Ба қавли В. И. Ленин «А.-Д.» китоби «...руистолии ҳар як коргари бошуур мебошад...» «А.-Д.» ба забони русӣ бори аввал с. 1904 чоп шуда, баъди Рев. Октябрь ба забонҳои халқҳои СССР 75 маротиба интишор гардидааст. «А.-Д.» с. 1975 аввалин бор ба забони тоҷикӣ нашр шуд.

Р. Исмоилова.

АНТИЗАРРАҲО, гурӯҳи зарраҳои элементарӣ, ки масса, спин, спини изотопӣ ва ҷуфтияти онҳо ба ҳамин бузургиҳои заррҳошон айнан баробар, вале аломати заряди электрикӣ, заряди нуклони, ҳаҷобат ва инчунин моменти магнитиашон муқобиланд. А. ва заррахо ҳангоми ба ҳам барҳурдан якдигарро «маҳв» карда, ба шакли дигари материя табдил меёбанд (ниг. *Аннигиляция ва тавлиди ҷуфт*). Мавҷудияти А. ва имконияти аннигиляцияву тавлиди ҷуфтро олими англис П. Дирак пешгуӣ кард (1930). У барои тавсифи ҳаракати электрони суръаташ наздики суръати рушнои муодилае ёфт ва аз хосияти симметрии он ба хулосае омад, ки дар табиат заррои электроимонанди массааш баробари массаи электрон, вале заряди электрикиаш ба он муқобил, яъне электрони мусбат низ вуҷуд дорад. Ин гуна заррро К. Андерсон дар таркиби нурҳои ҳайҳонӣ (1932, ШМА) кашф кард ва ба сабаби мусбат будани заряди онро позитрон (антиэлектрон) но-

мид. Пас аз кашфи позитрон, ки назарияи Диракро ба куллӣ тасдиқ кард, ҷустуҷӯи антизарраҳои дигар сар шуд. С. 1936 дар таркиби нурҳои кайҳонӣ боз як ҷуфт зарраву антизарра — мю-мезонҳо (μ+ ва μ−) ошкор гардид, ки назар ба электрон 206,7 маротиба вазнинтаранд. Баъдтар (1947) маълум шуд, ки мюонҳои нурҳои кайҳонӣ дар натиҷаи коҳиши зарраҳои вазнинтар — пӣ-мезонҳо (π+, π− ва π°) пайдо мешаванд. О. Чемберлен, Э. Сегре ва диг. (1955, ШМА) ҳангоми таҳқиқи парокапиши протонҳои баландэнергия аз нуклонҳо тавлиди антипротонро мушоҳида карданд. Физикаи муосир ба ҷуз антизарраҳои мазкур боз мавҷудияти антизарраи нейтрино (ν_e — электронӣ, ν_μ — мюонӣ), ка-мезонҳо ($\tilde{K}$, $\tilde{K}^0$), гиперонҳо ($\tilde{\Lambda}^0$, $\tilde{\Sigma}^+$, $\tilde{\Sigma}^0$, $\tilde{\Sigma}^-$, $\tilde{\Xi}^+$, $\tilde{\Xi}^0$, $\tilde{\Xi}^-$) ва ғ.-ро ошкор кардааст. Зарраҳое ҳам ҳастанд — фотон, π^0 — мезон, η^0 — гиперон, $2K^0$ — мезон (K_{01} ва K_{02}), I/Ψ — мезон, ки байни онҳо ва антизарраҳошон тафовуте нест — онҳо айнан якхелаанд, дар ин ҳолат роли антизарраро худи зарра (мас., фотон-антифотон) иҷро мекунад. *С. Ковирӣ.*

АНТИКЛИНАЛЬ (аз *анти*... ва юн. klinō — хам мекунам), чини антиклиналӣ, чини болобарчастаи қабатҳои ҷинсҳои кӯҳӣ. Ҷои хамгашти қабатҳоро маркази А., тарафҳои онро болҳои А. ва сатҳе, ки ҷойҳои хамгашти ҳамаи қабатҳоро бурида мегузарад, сатҳи меҳварӣ меноманд. Нисбат ба хобиши болҳо ва тамоюли сатҳи меҳварӣ, чинҳои А. дар якчанд ҳолат вомехӯранд: рост, каҷ, хуфта ё сарнагун. Дар план тарҳи А. гуногун мешавад: дарозрӯя — агар дарозиаш аз паҳнояш зиёд бошад; брахиантиклиналь — агар дарозиаш аз паҳнояш зиёд бошад; гунбазшакл — агар дарозию паҳнояш тақрибан баробар бошад. А.-и калон аз чандин А.-ҳои хурд ва *синклинальҳо* иборат аст. Одатан дар маркази А. ҷинсҳои қадимӣ ва дар болҳои он ҷинсҳои ҷавонтар мехобанд. Аксар конҳои газ, нефть ва баъзе маъданҳо дар тоқи чинҳои А. ҷойгир мешаванд. Бисьёр кӯҳҳои ҷан. ғарбии Тоҷикистон, инчунин қ-кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор аз чинҳои А. иборатанд.

АНТИКЛИНОРӢ (аз *анти*..., klinō... ва ōros — кӯҳ, баландӣ), комплекси бузург ва аз ҷиҳати сохт мураккаби чинҳои қабатҳои қишри замин, ки дар натиҷаи муддати бардавом бардошташавӣ ва чиндоршавии қишри замин дар ноҳияҳои геосинклиналӣ ба вуҷуд меояд. Қисми марказии А. болобарчаста буда, тарафҳои (болҳои) он аз як қатор чинҳои хурду калон ва массивҳои лагжида иборат аст. Аксар дар қисми марказии А. ҷисмҳои калони интрузиви (гранитҳо ва ғ.) ҷойгиранд. Тӯли А. ба садҳо ва бараш ба даҳҳо км мерасад. А.-и калонтаринро мегантиклинорӣ меноманд. Қ-кӯҳҳои Кавкази Калон ва шимоли Ҳисор мисоли А. мебошанд.

АНТИКОММУНИЗМ, аслиҳаи идеявӣ-сиёсии империализм, ки «мазмуни асосии он ба сохти социалисти тӯҳмат кардан, сиёсат ва мақсадҳои партияҳои коммунистӣ, таълимоти марксизм-ленинизмро қалбакӣ маънидод кардан аст» (Программаи КПСС, Д., 1970, саҳ. 54). А. маҷмӯи тадбирҳои идеологӣ, сиёсӣ ва тарғиботии империализм буда, ба муқобили марксизм-ленинизм, системаи ҷаҳонии социалистӣ, бар зидди ҳаракати коммунистию коргарии байналхалқӣ ва муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ равона шудааст.

Дар ибтидои пайдоиши ҳаракати революционии пролетариат А. ҷавобан бар зидди ғояҳои коммунизми илмӣ ба вуҷуд омада буд. К. Маркс ва Ф. Энгельс пайдоиши ин равиш-ро дар афкори ҷамъияти замони худ нишон дода, моҳияти иртиҷоии онро таҳқиқ карда буданд (К. Маркс ва Ф. Энгельс, Манифести партияи коммунистӣ, Д., 1968). Бо мурури замон, бо интишор ёфтани таълимоти марксизм-ленинизм, инкишофи ҳаракати революционӣ, ғалабаи социализм дар СССР ва ташкил ёфтани системаи ҷаҳонии социализм шаклу мазмуни А. тағйир ёфта, хусусияти хоси сиёсати давлатии буржуазияи империалистӣ мешаванд.

Дар замони мо пайравони А. бо равиҳои гуногуни афкори ҷамъиятии буржуазӣ (социалистони насронӣ, ислоҳотчиён, ревизионистҳо, тарафдорони ба ном «Социализми демократӣ» ва ғ.) муттаҳид шуда, бар зидди коммунизми илмӣ, системаи ҷаҳонии социализм, ҳаракати коргарию озодихоҳӣ муборизаи шадид мебаранд. «Ҳоло дар зери ин байрақи сиёҳ ҳамаи душманони прогресси социалӣ: олигархияи молияви ва ҷангҷӯён, фашистҳо ва клерикалҳои реакционӣ, мустамликадорон ва номенцикон, ҳамаи ёрдамчиёни идеяви ва сиёсии реакцияи империалистӣ муттаҳид шудаанд» (Программаи КПСС, Д., 1970, саҳ. 55).

Баъзе идеологҳои буржуазӣ чунин мешуморанд, ки афзоиши прогресси техникӣ тафовути капитализм ва социализмро нест карда, ба пайдоиши ҷамъияти «дурага» оварда мерасонад. Ба қавли онҳо социализм ва капитализм танҳо ҳамчун шаклҳои гуногуни «ҷамъияти индустриалӣ» аз ҳам фарқ мекунанд. Аз рӯи таълимоти антикоммунизми ҳозира капитализм чиҳатҳои манфии худро гум карда, гӯё ба ҷамъияти шукуфони «ҳайрияти умум» табдил ёфтааст.

Дар А.-и ҳозира «советология» мавқеи махсусро ишғол менамояд. Намояндагони он (И. Бохенский, Л. Шапиро, Г. Веттер, Зб. Бжезинский ва диг.) нуктаҳои муҳимми марксизм-ленинизм, назарияи муборизаи синфӣ ва рев. социалистӣ, моҳият ва характери диктатураи пролетариат, давлат ва демократияи социалистӣ, сиёсати миллии ленинии КПСС-ро бардурӯғ маънидод мекунанд. Баъзе аз идеологҳои А. (Р. Пайпс, В. Коларз, Ҷ. Уилер, Боймирзо Ҳант, Э. Олуорс, Т. Раковска-Хармстоун ва диг.) дар асарҳояшон асосан ба таҳрифи таърихи давраи советии халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон машғуланд. Аммо муваффақиятҳое, ки халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар солҳои Ҳокимияти Советӣ бо роҳбарии Партияи Коммунистӣ, бо ёрдами халқи бузурги рус ба даст даровардаанд, бӯҳтону тӯҳматҳои антикоммунистонро қатъиян рад мекунанд.

А. тамоми ҷиҳатҳои идеология ва сиёсати капитализми ҳозираро фаро гирифтааст. А. дар тарғиботи зиддисоветии худ ҳодисаҳои таърихро ғалат шарҳ медиҳад, душвориҳои сохтмони социалистиро муболиға ва муваффақиятҳои азими онро таҳриф мекунад. Бинобар ин коммунистон пиқоб аз рӯи таҳрифкорҳо барандохта, ба тавриқапоатбахш ва бо далелҳои раднопазир дурустии таълимоти марксистӣ-ленинӣро исбот мекунанд. Дар маърӯзаи ҳисоботии КМ КПСС ба съезди 25 партия низ қайд карда шудааст, ки «дар муборизаи ду ҷаҳонбинӣ ба бетарафӣ ва созишкорӣ ҷой буда наметавонад. Дар ин ҷо хушьёрии баланди сиёсӣ, кори фаъолона, оперативона ва боварибахши пропагандистӣ, ба зиёнкории душманонаи идеологӣ дар вақташ зарба зада тавонистан лозим аст» (Брежнев Л. И., Ҳисоботи КМ КПСС ва вазифаҳои навбатии партия дар соҳаи сиёсати дохилӣ ва берунӣ, Д., 1976, саҳ. 94).

Ад.: Маркс К. ва Энгельс Ф., Манифести партияи коммунистӣ, Д., 1968; Ленин В. И., Ас., ч. 23; Программаи КПСС, Д., 1970; Брежнев Л. И., Дар бораи панҷоҳсолагии Иттифоки Республикаҳои Советии Социалисти, Д., 1973; Осимӣ М. С. Вокеиӣ М. С. Вокеиӣ хилофи афсона аст. Маданияти Шарқи Советӣ ва «шорехони» хоричии он, «Садои Шарқ», 1976, № 1; Баграмов Э. А., Национальный вопрос и буржуазная идеология, М., 1966; Антикоммунизм — орудие империалистической реакции, М., 1967; Гузмухамедов Р. А., Ответ клеветникам, М., 1969; Якушевский И., Ленинизм и «Советология», Л., 1970; Антикоммунистическая пропаганда империализма М., 1971.

Ғ. Ашуров, Р. Исмоиловв.

АНТИЛ, Ҷазираҳои Антил (исп. Antillas), ҷалаҷазира дар Вест-Индия, байни Америкаи Шимолӣ ва Америкаи Ҷанубӣ. Ҷаз-ҳои А. ба А.-и Калон (Куба, Гаити, Ямайка, Пуэрто-Рико) ва А.-и Хурд (ҷаз-ҳои Виргин, Бодрӯя ва Бодпанаҳ) тақсим мешаванд. Масоҳ. 220 ҳаз км². Ахол. зиёда аз 20 млн нафр. (1969). Пайдоиши ҷаз-ҳо материкию вулконӣ буда, қисми зиёди сатҳашон кӯҳсоранд. Куба, ҷан. шарқи Гаити, инчу-

нин ҷаз-ҳои Виргину Бодпанаҳро ҳамвориҳо фаро гирифтаанд. Баландии ҷаз-ҳои А. Калон то 3175 м (дар Гаити). Нохияи ҷаз-ҳои А., ғайр аз қисми ҳамвории Куба, серзилзила; вулконҳои амалкунанда бисёранд (Суфриер, Монтань-Пеле ва г.). Иқлими А.—тропикии сернам. Боришоти солона 1200—2000 мм. Дар нишебаҳои бодрӯя то 5000 мм; дар ҷойҳои бодпанаҳ — 700—800 мм. Охирҳои тобистон тӯфонҳои сахт рӯй медиҳанд. Набототи ҷаз-ҳои А. (бешаҳои тропикии баргрези ҳамешасабз ва буттазору саваннаҳо) кам боқӣ мондааст. Дар нишебаҳои бодрӯяи кӯҳҳо бешаҳои ҳамешасабз мавҷуданд. Дар ҷаз-ҳои А. давлатҳои Куба, Гаити, Республикаи Доминикана, Ямайка, Барбадос ва мулкҳои ШМА, Британияи Кабир, Франция ва Нидерланд вокеанд. Як қисми ҷазираҳо ба Венесуэла таалуқ доранд.

АНТИЛОГАРИФМ (аз *анти*... ва *логарифм*), адади мутобиқ ба қимати маълуми логарифм. Агар $\log N = a$ бошад, адади N антилогарифми a аст.

АНТИМОНИТ (лот. antimonium — сурма), стибнит, ҷилои сурма, минерал, таркиби химиявиаш Sb_2S_3. Ба миқдори 71,38% Sb ва 28,62% S дорад. Системаи кристаллбандиаш ромби; кристаллҳояш сузанмонанд е призмашакли рӯҳдор. Дар шакли массаи яклухт ва агрегатҳои донадор ҳам воҳӯрад. Рангаш хокистари буда, ҷилои баланди металли дорад. Сахтиаш 2—2,5; зичиаш [illegible] кг/м³. А. асосан дар конҳои сурма ва сурмаю симоб ёфт шуда, барои ҳосил кардани сурма маъдани асосист. Конҳои он дар Тоҷикистон (Чичикруд, ҷурӯҳи конҳои Шинг ва Могиен), Ӯзбекистон, Киргизистон, Казокистон, Сибири Шарқӣ, Кавказ маълуманд. Нигр. низ *Сурма*.

АНТИНЕЙТРИНО ($\bar{\nu}$), антизарраи *нейтрино*, зарраи элементарии нейтралие, ки массаи сукунат надорад (бо сахеҳии $5 \cdot 10^{-4} m_e$, m_e — массаи сукунати электрон). Ба фермионҳо мансуб аст (спинаш $\frac{1}{2}$). А. заряди электрики ва моменти магнитӣ низ надорад. Аз ин рӯ, эҳтимолияти таъсири мутақобили он бо моддаҳо бағоят хурд аст. Ду навъ А. мавҷуд аст. А. и электрони ($\bar{\nu}_e$), ки ҳамеша ҳамроҳи электрон пайдо мешавад ва А. и мюони ($\bar{\nu}_\mu$), ки дар натиҷаи кӯҳнии мюонҳо ба вуҷуд меояд.

АНТИНЕЙТРӮН (ишораташ $\bar{n}$), антизарраи *нейтрон*. Миқдори нейтрон заряди электрикӣ надорад. Массаву спини $\bar{n}$ баробари массаву спини нейтрон аст, вале онҳо аломати моменти магнитиро қуқбал доранд. С. 1956 кашф шудааст.

АНТИНОМИЯ (юн. antinomia — зиддият дар қонун), зиддиятҳои байни ду қонуни, ҳукмҳо ва ҳукмҳо ва ҳулосаҳо, ки ба ҳукмҳо ва ҳулосаҳо истисно-кунанда, ки ҳар дуяшон мантиқан баробар исботшавандаанд. Истилоҳи А.-ро с. 1613 файласуфи немис Р. Гокленциус ҷорӣ карда, онро И. *Кант* таҳлил намудааст. Мувофиқи ақидаи ӯ, вақте ки хирад оламро ҳамчун чизи том пурра донистани мешавад, ҳатман ба зиддият дучор меояд. И. Кант чор навъи А.-ро таҳлил мекунад: 1) олам беинтиҳо ва беинтиҳост; 2) ҳар як ҷавҳари мураккаб аз чизҳои содда иборат аст ва ҳеҷ як чизи содда вуҷуд надорад; 3) дар олам озоди вуҷуд дорад ва *детерминизм* ҳукмрон аст; 4) нахустсабаби олам (худо) вуҷуд дорад ва нахустсабаби олам вуҷуд надорад. Дар А.-ҳои И. Кант (зиддияти байни *беинтиҳоӣ* ва *беинтиҳоӣ*, содда ва мураккаб, *зарурат ва тасодуф*, озоди ва зарурат) фикрҳои амиқи диалектики ифода ёфтаанд. Аммо И. Кант моҳияти каш-фиёти худро нафаҳмида гумон мекард, ки зиддият на дар инкишофи олами модди, балки дар тафаккур, хирад ва такомули мафҳумҳо мушоҳида мешавад. И. Кант инъикоси зиддияти олами модди будани зиддияти ҷараёни маърифатро намефаҳмид. Ӯ чунин мепиндошт, ки агар қувваи идрок дуруст истифода бурда шавад, А.-ҳо пайдо намешаванд; А.-ҳо дар натиҷаи ба маърифати чизи донистанашаванда кӯшидани хирад, аз маърифати олами зуҳурот ба дарки «чизҳои дар худ» гузаштани хирад ба вуҷуд меоянд. Пас, маърифат бояд аз ҳудуди олами зуҳурот берун набарояд, чунки маърифати «чизҳои дар худ» дастнорас аст. Дар таълимоти И. Кант А.-ҳо чун муайяншкунандаи ҳудуди маърифат хизмат мекунанд ва ақлро аз маърифати моҳияти ашё боз дошта, роли онро дар маърифат маҳдуд менамоянд ва ба эътиқоди дини роҳ мекушоянд. Нихонт таҳлили А.-ҳо И. Кантро беосита ба *агностицизм* мебарад.

Н. Кулматов.

АНТИОКСИДАНТ, моддаҳое, ки бо оксигени молекулаи оксидшавии моддаҳоро бозмедоранд е суст мекунанд. Феноҳо, нафтолҳо, аминҳои аромати, диалкилсульфидҳо, баъзе моддаҳои табиӣ (токоферолҳо ва г.) ва синтезӣ (бутилокситолуол ва г.) чун А. истифода мешаванд. Оксидшавии пайвастҳои органикӣ ба тарзи реакцияи мусалсал ҷараён мегирад, дар ибтидои оксидшавӣ радикали фаъоли пероксиди (RO_2), алкоксили (RO) ва алкили (R) ҳосил мешавад. А. бо радикал ба реакция дохил шуда, оксидшавиро суст мекунад е тамомаш бозмедорад ва боиси қатъи реакцияи мусалсал мегардад. Таъсирноки А. бештар ба лаҳзаи ба реакция дохилшавии онҳо вобаста аст. А. пеш аз процесси оксидшавӣ илова карда шавад, натиҷаи хуб мебахшад. Ҳангоми ба равғани мотор, трансформатор ва турбина илова кардани А. муддати кори онҳо 2—4 маротиба меафзояд. А. дар саноати истеҳсоли каучук ва хӯрокворӣ ҳам истифода мешавад.

АНТИОХ (юн. Antiochos), номи шоҳони сулолаи *Селевкиён*.

А. I (324—261 то м.), маъруф ба Сотер (начотдиҳанда), писари асосгузори сулола *Селевки* I. Аввал ҳамроҳи падараш ҳукмрони мекард (тақр. 293—281) ва дар айни замон волии қисми шарқии давлат (аз д. Фурот то Бохтар) буд. Аз с. 280 ҳокими мустақил шуд. Ш. Бохтар яке аз марказҳои мулки А. I буд ва дар он ба номи «Шоҳони селевкӣ ва А. I» танга сиккаи мезаданд. Фаъолияти А. I ба бартараф кардани ҳучумҳои бодиянишинон ва сохтмону мустаҳкам намудани шаҳрҳо равона шуда буд. Дар замони ӯ ду экспедиция амал кард: яке хушкигард, зери роҳбарии Демодам (байни с. 293 ва 289 то м.) ба соҳили муқобили д. Яксарт (Сир) ва дигаре баҳрӣ — ба воситаи Хазар бо сардории Патрокл (байни 295—280 то м.). А. I дар музофотҳои шарқӣ чанд шаҳри юнониро, ки дар натиҷаи шӯришҳои аҳолии маҳалли ва тохтутози бодиянишинон хароб шуда буданд, обод намуд. Дар Марв ба ҷои Искандарияи харобшудаи Антиохияро бино ва тамоми воҳаи Марвро бо девор иҳота кард. Баъзе тадқиқотчиён тахмин доранд, ки дар аҳди ӯ дар Бохтар ба ҷои Искандарияи соҳили Окс Антиохияи Тармата сохта шуд. Дар Сугд ба ҷои Искандарияи Ақсо Антиохияи Скиф қад кашид, дар Арея ба ҷои Гераклея Аҳаида сохт ва пойтахти қадимаи он Артаксана боз мустаҳкам шуд. Баъди соҳиби тахт шудан омодаи ҷангҳои зидди дигар шоҳони юнонӣ ва ҳамсояҳои худ шуда, ба музофотҳои шарқи кам аҳамият дод. Калонтарин ҷанги у бо ҳокими Миср Птоломеи II рӯй дод, ки бо номи ҷанги Сурия (274—271 то м.) маъруф аст.

А. II Теос (286—246 то м.), писари А. I. С-ҳои ҳукмроний 261—246 то м. Қисми зиёди давраи ҳукмроний дар ҷангҳо гузаштааст. Калонтарини он бо Птоломеи II (ба номи ҷанги дуюми Сурия — тақрибан 258—253 то м.) буд. Дар охири салтанаташ чанд музофот, аз ҷумла Андрагор, Порт ва Бохтар истиқлолият ба даст оварданд.

А. III Кабир (242—187 то м.), шоҳ аз с. 223. С-ҳои 220—214 шӯришҳои сатраҳоро дар Эрон, Мод ва Осиёи Хурд пахш кард. С. 219 бо Миср ҷангида Келесария, Финикия, Фалаштиро забт намуд, вале дар муҳорибаи Рафия (217) шикаст хурда, ин сарзаминҳоро аз даст дод. Юришҳои шарқии у с-ҳои 212—205 ба ваҳшаъну шараф оварданд. Лакаби «Кабир»-ро низ дар ҳамин юрушҳо гирифт. С. 203 А. III Фалаштин Миср-ро забт ва ба истилои шаҳрҳои Осиёи Хурд ва Фракия кушиш намуд, ки ин боиси задухурд бо Пергам ва

Рим (ҷанги Сурияи с-ҳои 192—188) гардид. Дар назди Магнесия мағлуб шуд (190), ки ин давлати Селевкиёнро хеле суст кард. А. III-ро сокинони Элиманд ҳангоми ғорати хонаҳои худо Бел ба қатл расонданд.

А. IV Эпифан, писари А. III (с-ҳои ҳукмронаш 175—163 то м.). Дар с-ҳои 169—168 ба Миср ҳуҷум кард, вале бо исрори Рим аз он даст кашид (168). Дар бозгашт ибодатхонаи Байтулмуқаддасро ғорат ва 10 ҳаз. касро ғулом кард. А. IV ба Порт юриш карда, то Арманистон расид ва шоҳи шӯришбардошта — Артаксийро асир гирифт. *И. Пьянков.*

АНТИПАССАТҲО, ҷараёни ғарбии ҳаво дар тропосфераи арзҳои тропикӣ, ки болотар аз қабати шамолҳои шарқӣ — *пассатҳо* воқеъ мегардад. Умуман, А. соҳаи канории ҷараёни умумии ғарбии ҳаворо дар қисми болоии тропосфера ва қисми поёнии стратосфера ташкил медиҳанд. А. дар баландии 2—3 км (дар канорахои арзҳои тропикӣ) то 10 км ва зиёда аз он (дар наздикиҳои экватор) сар мешаванд. А. дар Нимкураи шимолӣ асосан аз ҷанубу ғарб ва дар Нимкураи ҷанубӣ аз шимолу ғарб меваза нд.

АНТИПИРЕН (аз *анти...* ва юн. pýr — оташ), модда ё омехтае, ки чӯб, матоъ ва материалҳои дигари органикиро аз оташ гирифтан нигоҳ медорад. А. дар ҳарорати паст гудохта шуда, пардаи муҳофиз пайдо мекунад, ки он роҳи ҷараёни оксигенро ба даруни материал мебандад. Ҳангоми гарм шудан А. вайрон шуда газҳои инертӣ ё буғ хориҷ мекунад ва ба афрӯзиши минбаъдаи газҳои аз материал ҷудошуда монеъ мегардад. А.-ҳои маъмул инҳоанд: фосфатҳои аммоний (диаммонийфосфат, моноаммонийфосфат, омехтаи моно — ва диаммонийфосфат), сульфати аммоний, танакор (бура) ва кислотаи борат.

АНТИПОВ-КАРАТАЕВ Иван Николаевич (1. 9. 1888, губ. Уфа—3. 7. 1965, ш. Боку), хокшинос, агрохимики совет, акад. АФ РСС Тоҷ. (1951), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1946), аъзоҷ фахрии Ҷамъияти умуминиттифоқии хокшиносон (1951), лауреати Мукофоти ба номи Докучаев (1964) ва ба номи Димитров (1961, Булғория). Аъзои КПСС аз с. 1946. А.-К. баъди хатми Ин-ти муаллимии ш. Уфа (1914) ва Ин-ти давлатии Москва (1927) тамоми фаъолияти худро ба илми хокшиноси бахшидааст. Аз с. 1926 ходими илмии Ин-ти хокшиносии ба номи Докучаев, с-ҳои 1936—51 ташкилкунанда ва роҳбари илмии *Станцияи хокшиносӣ-мелиоративии Вахш* ва аз с. 1951 директори *Институти хокшиносии* ВХҚ-и Тоҷикистон буд А.-К. муаллифи зиёда аз 300 асари илмист, ки асосан ба масъалаҳои мелиорацияи х. қ. ва роҳҳои беҳтар кардани ҳосилхезии заминҳои водии Вахш, вил. Кӯлоб, Помири Шарқӣ ва мавзеи Мирзочӯл бахшида шудаанд. Монографияи «Мелиорацияи заминҳои шӯри СССР»-и ӯ (1953) китоби рӯимизии хокшиносони СССР, Булғория, Венгрия ва диг. кишварҳо гардидааст. А.-К. бо 3 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени Барои Хизматҳои Граждани (Булғория), медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

Ас.: Почвы Вахшской долины и их мелиорация, Д., 1947; Почвенные и почвенно-мелиоративные исследования в Таджикистане, Д., 1950.

АНТИПРОТОН (ишорааташ $\bar{p}$), антизарраи *протон*. Массаву спини А. ва протон баробаранд; заряди барионӣ, электрикӣ ва моменти магнитии онҳо низ аз ҷиҳати бузургӣ баробаранд, вале аломати муқобил доранд. А.-ро с. 1955 Сегре (ШМА) бо ходимони худ бори аввал кашф кард. Ҳангоми бо протон ва нейтрон аннигиляция шудани А. зарраҳои нав (антинейтрон, π-мезон) ба вуҷуд омада, энергияи калон хориҷ мешавад. Ниг. низ *Антизарраҳо*.

АНТИРАКЕТА (аз *анти...* ва *ракета*), ракетаи зидди ракета; ракетае, ки дар ҳаво ракетаҳои душманро пешгирӣ ва нобуд мекунад.

АНТИСЕМИТИЗМ, яке аз шаклҳои хусумати миллӣ ва динӣ нисбат ба яҳудиён. А. бо мурури замон ба худ шаклҳои гуногун гирифта, аз фикрҳои ботили динию психологӣ ва сегрегация, ки асосан дар муносибатҳои маишӣ зоҳир мегардад, то ба дараҷаи аз тарафи органҳои давлатӣ гузарондани сиёсати ба зӯрӣ муҳоҷиркунӣ ва ҳатто қатли (геноциди) яҳудиён расидааст. А.-ро синфҳои истисморгар барои афрӯхтани рӯҳияҳои миллатчигӣ, аз муборизаи синфӣ дур кардани диққати меҳнаткашон истифода мекунанд. А.-ро хусусан фашистони немис ривоҷ доданд. Гитлерчиён «назарияи нажодпарастӣ»-ро таргиб намуда, яҳудиёнро дар Германия аз ҳамагуна ҳуқуқҳои граждани маҳрум карданд. С. 1938 гитлерчиён дар тамоми Германия маъракаи қатли яҳудиёнро ташкил дода, онҳоро ғорат карданд. Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон фашистон на танҳо дар Германия, балки дар мамлакатҳои ишғолкардаашон низ яҳудиёнро қир мекардаанд. Дар замони ҳозира империалистҳо ва сионистҳо муборизаи халқҳои арабро бар зидди сиёсати таҷовузкоронаи доираҳои ҳукмрони Исроил ҳамчун зуҳуроти А. нишон медиҳанд. Дар СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ А. заминаи иҷтимоӣ надорад ва касе, ки низои миллиро таргиб кунад, аз рӯи қонуни советӣ ҷазо мебинад.

АНТИСЕПТИКА (аз *анти...* ва юн. septikós — мадданок), бо усулҳои химиявӣ ва биологӣ безарар гардондани ҷароҳат ва асбобҳое, ки ҳангоми муолиҷа истифода мешаванд. С. 1867 ҷарроҳи англис Ҷ. Листер дар асоси таҷрибаҳои бактериологи франсавӣ Л. Пастер ба хулосае омад, ки дар натиҷаи нест кардани бактерияҳои ҳавои хона, ҷиҳоз ва асбобҳои ҷарроҳӣ уфунат ва хавфи зиштшавии ҷароҳатро пешгирӣ кардан мумкин аст. Бо ин мақсад ӯ маҳлули 5-фоизаи фенолро истифода бурд. Аз сабаби ба ҷароҳат, организми бемор ва ба гирду атроф таъсири заҳрнок доштани фенол аз ин усул даст кашидан лозим омад. Минбаъд таълимот дар бораи А. бо пайдо шудани воситаҳои антисептикӣ, ки таъсири зидди микробӣ доранд, равнақ ёфт. Чунин усулҳои А.-и химиявӣ вуҷуд дорад: А.-и рӯякӣ — ба рӯи ҷароҳат марҳамҳои антисептикӣ (мас., марҳами Вишневский) молидан ё рӯи ҷароҳатро бо маҳлули хлорамин, пероксиди гидроген, перманганати калий ва диг. моддаҳои антисептикии моеъ (фурациллин, риванол ва г.) шустан; А.-и амиқ — ба бофтаи гирду атрофи ҷароҳат доруҳои моеъ (фурациллин, риванол ва г.), ба зери мушак ё ба вена антибиотикҳо барин воситаҳои антисептикӣ ворид намудан. Дар усулҳои зикршуда микробҳо ё нобуд мешаванд ё ки барои инкишофи онҳо шароит номусоид мегардад. А.-и муосир қисми муолиҷаи комплексии ҷароҳат ва захм ҳисоб меёбад.

АНТИТЕЗИС (юн. antithesis — мухолифи тезис), қисми таркибии исботи мантиқӣ, фикре, ки ба *тезис* зид аст Дар фалсафаи идеалистии *Гегель* процесси инкишоф се зина дорад. Ибтидои он тезис буда, вай ба А. мегузарад ва А., дар навбати худ, бо синтез инкор карда мешавад. Дар айни ҳол А. тезисро тамоман рад намекунад, балки фақат мазмуни муайяни онро инкор карда, чиҳатҳои мусбаташро аз худ менамояд. Бинобар ин А. инкори мусбатест, ки дар оянда ба синтез мегузарад. Вале дар диалектикаи Гегель процесси инкишофи се зина қонуни ҳақиқати объективӣ набуда, балки хосияти инкишофи рӯҳи мутлақ аст. *М. Болтаев.*

АНТИТОКСИНҲО (аз *анти...* ва *токсинҳо*), моддаҳои махсус *(антитоксинҳо)*, ки дар организми ҳайвон ва одам ҳангоми ворид шудани захрҳои бактерияви ё ҳайвоноти ҳосил мешаванд. А. захри микробҳои бемориангезро безарар мегардонанд. А.-ро дар организми ҳайвонот бо роҳи сунъи ҳосил мекунанд; барои ин аввал аз захри микроб *анатоксин* тайёр карда, баъд он ба зери бофта (мас., ба зери бофтаи бадани асп) як ҷанд маротиб-

ба ворид карда мешавад. Дар натича дар организми асп А. ҳосил мешаванд. Зардоби хуни чунин аспро дар муолиҷаи *ханноқ*, *ботулизм*, *кузоз* ва диг. касалиҳо истифода мебаранд.

АНТИФРИЗҲО (аз *анти*... ва англ. freeze — ях кардан), моеоте, ки дар харорат хеле паст ях намекунад. Дар техника ба сифати А. маҳлулҳои обии спиртҳои яқ ва бисьёратома (спиртҳои метил, этил ва изопропил, инчунин этиленгликоль ва глицерин) истифода мешаванд. Онҳо барои хунук кардани муҳаррикҳои дарунсӯз ва барои аз ях бастан нигоҳ доштани дастгоҳу механизмҳои дар шароити сармо ва иклими хунук коркунанда истеъмол мегарданд.

АНТИЦИКЛОН (аз *анти*... ва *циклон*), тугёни азими атмосферӣ, ки характери гирбоди доштаи, дар натиҷаи баланд шудани фишори ягон нохияи атмосфера ба вуҷуд меояд. Паҳнои А. то ҳазорҳо км мерасад.

Схемаи антициклон дар Нимкураи шимолӣ: хатҳои сиёҳ — изобарҳои наздизаминӣ, тиракҳо—самти шамол, В — марказ антициклон.

Структура ва хусусиятҳои А. мукобили структура ва хусусиятҳои циклон аст. Дар харитаҳои таксимоти фишор А. бо изобарҳо (хатҳои фишори яҳкела) и концентрикии сарбасти тақрибан байзашакл ифода мегардад. Фишори ҳаво дар маркази А. аз ҳаҷм баштар шуда, то 1,025 · 10^5—1,04 · 10^5 Па (дар сатҳи баҳр), баъзан (масал, зимистон дар Осиё) то 1,07 · 10^5 Па мерасад (ҳол он ки фишори миёна дар сатҳи баҳр 1,01 · 10^5—1,015 · 10^5 Па аст). А. дар *тропосфера* (қисми поёнии атмосфера) муштарак бо циклон вусъат мебад. А. ва циклон қисмҳои циркуляцияи умумии атмосфераанд, ки боиси мубодилаи байниарзии ҳаво мегарданд. Баъзе А. ҳо чанд шабонарӯз ва ҳатто чанд ҳафта вуҷуд доштаи метавонанд. А. ҳо ҳам мисли циклонҳо ба самти интиколи умумии ҳаво, яъне аз *ғарб* ба шарқ, лекин бо тамоюле ба тарафи арзҳои поён ҳаракат мекунанд. Суръати миёнаи интиколи А. дар Нимкураи шимолӣ то 30 км с., дар Нимкураи ҷанубӣ то 40 км с., дар Осиёи Миёна тобистон то 49 км с., зимистон то 60—65 км с. мерасад. Дар Нимкураи шимолӣ бод дар атрофи маркази А. ба самти миёли соат ва дар Нимкураи ҷанубӣ баръакси он ҳаракат мекунад. Омӯхтани пайдоиш ва ҳаракати А. дар пешгуии обу ҳаво роли муҳим мебозад. Нигр. ҳам *Ҷараёнҳои атмосфера*.

АНТИЧИСМҲО (аз *анти*... ва *чисмҳо*), моддаҳое, ки масуниет (иммунитет) ҳосил мекунанд. Моддаҳои сафеда-вӣ, ки ҳангоми ба организм ворид шудани *антигенҳо* бар зидди онҳо ҳосил шуда, таъсири онҳоро безарар мегардонанд. А. асосан дар зардоби хун ҷамъ мешаванд. Агар ба зардоби чунин хун токсини микробҳо беморангез ҳамроҳ карда шавад, А. токсинро безарар мекунанд. Ба зардоби хуне, ки А. дорад, микроб дохил карда шавад, А.-и дар зардоб будаи микробҳоро ба ҳамдигар пайваста, ғуч (агглютинация) ва баъзан ҳал мекунанд; дар ҳолатҳои ҷудогонаи антигенҳоро таҳшин мегардонанд. Зардобҳои хуне, ки А. доранд, дар муолиҷа ва пешгирии баъзе беморихои сироятӣ (тиф, бруцеллёз) ва г. истифода мешаванд.

АНТОКОЛЬСКИЙ Павел Григорьевич (тав. 1. 7. 1896, Петербург), шоири советии рус. Аъзои КПСС аз с. 1943. Аввалин маҷмӯаи шеърҳояш с. 1922 нашр гардид. Асарҳои с-ҳои 20 А. оҳанг ва мавзӯъҳои романтики доранд: маҷмӯаи «Ғарб» (1926), «Китоби сеюм» (1927), достонҳои «Робеспьер ва Горгона» (1928) ва «Коммунаи соли 71» (1933). С-ҳои 30 дар ашъори А. образҳои реалии ҳамзамононаш пайдо шуданд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шеър ва қиссаҳои ватанпарварона менавишт. Достони «Писар» (1943; Мукофоти давлатии СССР, 1946) ба фарзанди дар ҷанг ҳалокгаштаи шоир бахшида шудааст. Дар достони «Дар тангкӯчаи паси Арбат» (1954) таърихи наслеро тасвир мекунад, ки воқеаҳои ҷанги якуми ҷаҳонро аз сар гузаронида, бинокори ҷамъияти нави сотсиалисти шудааст. С. 1958 маҷмӯаи шеърҳои «Устохона», с. 1960 маҷмӯаи «Кувваи Вьетнам. Мачаллаи сафари», с. 1962 маҷмӯаи «Шиддати баланд», с. 1964 маҷмӯаи «Ченаки чорум» и ӯ чоп шуданд. А. асарҳои шоирони франсави, булгор, гурҷи, озариро тарҷума кардааст. С. 1971 чанд шеъри шоир ба тоҷикӣ тарҷума ва нашр гардид: «Шарқ», «Бад макун, дил», «Вақт ва шоир», «Анҷом». А. бо 4 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст. *М. Исломова*

АНТОНИЙ Марк (Marcus Antonius) (83—30 то м.), ходими сиёсии Рим, сардашкар. Солҳои ҷанг (57—55) дар Фаластин ва Миср сардори лашкари савора буд. С. 54 ба Юлий *Цезарь* наздик шуда, дар юришҳои Галлия иштирок кард. Солҳои ҷанги граждани (49—45) Цезарро фаъолона дастгирӣ менамуд. А. баъди марги Цезарь бо қотилони Цезарь ва сенат мурасоҳорӣ мекард, вале дертар муносибати А. бо сенат тезутунд шуд, зеро А. даъвои идора кардани Галлияро дошт. С. 43 дар назди ш. Мутина ҳангоми задухурд бо кӯшунҳои сенат А. шикаст хурд. С. 42 бо Октавиан муттаҳид шуда, кӯшунҳои Брут ва Кассиро шикаст дод. Дар натиҷа идораи вилоятҳои шарқии империяи Рим ба дасти А. гузашт. Ӯ бо маликаи Миср Клеопатра наздик шуда, ба вай ва писаронаш мулкҳои зиёдеро тӯҳфа кард. Ин сиёсат боиси эътирози триумвират (иттифоқи сегонаи ходимони сиёсӣ ва ҳарбӣ) ва аҳли Рим гардид. Сенат ба Клеопатра ҷанг эълон кард. С. 31 дар назди Акция флоти Миср шикаст хӯрд. Баъди ба Миср даромадани қӯшунҳои Октавиан А. худкушӣ кард.

АНТОНИМҲО (аз *анти*... ва *ном*), калимаҳое, ки маъноҳои зидди якдигар дошта, барои ифодаи воқеаю зуҳуроти ба ҳам муқобил ва мухталиф истифода мешаванд. Дар забони тоҷикӣ тазод меғӯянд: «равшан» — «торик», «кам» — «беш», «паст»—«баланд». Муносибатҳои антонимӣ бештар дар калимаҳои дорои маъноҳои сифати, миқдорӣ, замонӣ ва фазоӣ мавҷуд аст. Ба ёрии воситаҳои калимасозӣ низ мафҳумҳои антонимиро ифода кардан мумкин аст: «дано» — «нодон», «даромадан» — «баромадан». Ба А. одатан калимаҳои решагӣ мансубанд. Калимаҳои сермаъно дар маъноҳои гуногуни А.-и худро доранд: (ҳонаи) «тоза» — «ифлос», (фикри) «нав» — «кӯҳна» ва г. Баъзе калимаҳои антонимӣ дар шакли ҷуфт истеъмол шуда, мафҳумҳои навро ифода мекунад: «каму беш» «хурду калон». Дар услуби адабию бадеӣ мафҳумҳои антонимӣ ҳамчун воситаи тасвир (санъати тазод) истифода мешаванд. Низомӣ гӯяд:

Ба ҳангоми сахтӣ маншаи ноумед,
Ки абри сиёҳ борад, оби сафед.

М. Муҳаммадиев.

АНТОНИНҲО (Antonini), сулолаи императорони Рим дар с-ҳои 96—192; А. чун унвони сулола аз номи Антонин Пий гирифта шуда, намояндагонаш инҳоянд: Нерва (96—98) — асосгузори сулола, Траян (98—117), Адриан (117—138), Антонин Пий (138—161), Марк Аврелий (161—180) ва шарикҳукмронаш Луций Вер (161—169), Коммод (180—192). А. дар сиёсати дохилӣ ва беруни манфиати ғуломдорони Рим ва муҳофизати онро муҳофизат менамуданд. Сиёсати онҳо ба тақвияти иқтисодиёти империя равона карда шуда буд. А.-и аввалин (хусусан Траян) дар сиёсати беруни хеле фаъол буда, ба империя заминҳои нав (с. 106 Дакия ва Арабистон, с-ҳои 114—115 Арманистон ва Байнаннаҳрайн) ро ҳамроҳ карданд. Адриан сиёсати мустаҳкам намудани сарҳадҳо ва сохтмони иншоотиро муҳофизавиро пеш гирифт. Дар замони А. идеяи ҳокимияти мутлақ комилан ташаккул ёфт ва аппарати бюрократи ташкил карда шуд. Даврае ҳукмронии А. нуқтаи олии авҷи сиёсати дохилӣ ва ҳоричии империяи Рим ба шумор мерафт. Вале дар замони Адриан бухрони сохти ғуломдорӣ ва аз аҳди Марк Аврелий таназзули империяи Рим сар шуд.

АНТОНОВ Олег Константинович (тав. 7. 2. 1906, ҚИШ, Троицы, губ. Москва), авиаконструктори советӣ,

доктори илмҳои техникӣ, акад. АФ РССУ (1968), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1966). Аъзои КПСС аз с. 1945. Ин-ти политехникии Ленинградро хатм кардааст (1930). Аз с. 1946 роҳбари бюрои конструкторӣ тачрибавӣ. Таҳти роҳбарии А. як қатор самолётҳои нав, аз ҷумла, самолётҳои турбовинтии нақлиётӣ Ан-8, Ан-10, Ан-14, Ан-24, Ан-12, Ан-22 (Антей) сохта шудаанд. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 5—9). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1952) ва Мукофоти ленинӣ (1962). Бо 2 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

АНТОНОВ Семён Михеевич (тав. 2. 8. 1919, деҳаи Сатинои р-ни Сампурск, вил. Тамбов), лётчик-санҷишгари Хизматнишондодаи СССР (1963), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1957), полковники зап. Баъди хатми мактаби 7-солаи қ. Сатино с. 1937 ба Душанбе омада, дар ф-каи пиллакашӣ мошинисти дизель шуда кор кард. А. дар ин ҷо аъзои комсомол шуд. Баъдтар ба аэроклуби назди ОСОАВИАХИМ-и республика дохил гардид. С. 1938 дар назди аэроклуб курси тайёрии инструкторон-лётчиҳоро ба охир мерасонад. Авг. 1939 бо роҳхати комитети комсомоли ш. Душанбе ва комиссариати ҳарбӣ ба омӯзишгоҳи авиационии ҳарбии Краснодар фиристода мешавад. С. 1941 пас аз итмоми мактаби авиационии ба номи В. П. Чкалови Таганрог ба округи ҳарбии Назди Балтика меравад; дар полки собиқи 50-уми Байраҳи Сурхдори бомбаандози авиационӣ лётчик шуд. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. А. то авг. 1943-ум 93 парвози ҷангӣ кардааст. Аз авг. 1943 то с. 1963 лётчик-санҷишгар. Аз с. 1965 нафақахӯр. Бо ордени Ленин, 2 ордени Байраҳи Сурх, 2 ордени Ситораи Сурх ва медальҳо мукофотонида шудааст.

А. Бухоризода.

АНТОНОВ-ОВСЕЕНКО (лақ. партиявиаш Штык, тахалл. адаби А. Гальский) Владимир Александрович (21. 3. 1883, Чернигов — 1939), ходими партиявӣ ва давлатии советӣ, иштирокчии фаъоли Рев. Октябрь, журналист. Аъзои РСДРП аз с. 1903. Аз оилаи хизматчии ҳарбӣ. Аз с. 1901 дар ҳаракати революционӣ иштирок кард. С. 1904 омӯзишгоҳи юнкерии Петербургро хатм намуд. С-ҳои 1905—06 яке аз ташкилотчиёни шӯришҳои ҳарбӣ дар Ново-Александрия (Польша) ва Севастополь. Ҳамчун намояндаи ташкилоти ҳарбӣ аъзои Комитети петербургии РСДРП буд. С. 1906 ба қатл маҳкум карда шуд, ки онро ба 20 соли бадарга иваз намуданд. Аз бадарга гурехта, кори партиявиро дар Финляндия, Петербург ва Москва давом дод. С. 1910 ба меньшевикҳо ҳамроҳ шуд. Май 1917 ба партияи большевикӣ дохил гардид. Окт. 1917 котиби КҲР Петроград, яке аз роҳбарони ҳучуми Қасри зимистони ва ба ҳабс гирифтани роҳбарони Ҳукумати муваққатӣ. Дар Съезди 2-юми умумиросиягии Советҳо 26 окт. (8 нояб.) 1917 дар ҳайати якуми СҲХ интихоб гардид. С-ҳои 1917—19 фармондеҳи қӯшунҳои советӣ бар зидди казакҳои атаман Каледин, фармондеҳи фронти Украина ва қӯшунҳои советии ҷанубӣ Россия, комиссари халқӣ онд ба корҳои ҳарбии РСС Украина. С-ҳои 1919—20 раиси Комичроияи губ. Тамбов. С-ҳои 1922—24 сардори Управлениях сиёсии СҲР республика. С-ҳои 1923—27 ба тарафи троцкичиён гузашт ва 1928 аз онҳо алоҳида канд. Дар Чехословакия (1924), Литва (1928), Польша (1930) намояндаи доимӣ буд. Аз с. 1934 прокурори РСФСР. С-ҳои 1936—37 дар вазифаи консули генералии СССР дар Барселона кор кардааст.

АНТОНОВЧИГӢ, исьёни зиддисоветии кулакҳою эсерҳо с-ҳои 1920—21 дар губ. Тамбов, ки аз номи роҳбари исьён эсер А. С. Антонов гирифта шудааст. Империализми байналхалқӣ ва контрреволюцияи дохилӣ дар шароити ба сохтмони осоишта гузаштани республикаи советӣ мекӯшиданд аз калавиши буржуазияи майда истифода намуда, деҳқононро бар зидди коргарон барангезанд ва диктатураи пролетариатро сарнагун созанд. А. яке аз зуҳуроти ҳамин кӯшишҳо буд. Унсурҳои кулаку эсер қасдан норозигии деҳқононро аз развёрстканӣ озуқа, нобудани молҳои саноатӣ, қонуниятӣ революционӣро вайрон кардани баъзе агентҳои развёрстка ва г. авҷ дода, аз суст шудани ташкилоти губерниягии РКП(б) (бисьёр партиявиён ба фронт сафарбар шуда буданд) истифода намуда, авг. 1920 дар деҳаи Каменкаи уезди Кирсанов исьён бардоштанд. Дере нагузашта исьён уездҳои Тамбов, Кирсанов, Борисоглебск, Моршанск, Козловро фаро гирифт. КМ РКП(б), СҲХ, шахсан В. И. Ленин барои зудтар пахш кардани исьён армия, беҳтарин ходимони давлатӣ ва партиявиро сафарбар карданд. Авг. 1921 исьён пахш ва июли 1922 Антонов қатл карда шуд.

АНТОЦИАН (аз юн. anthos — ранг ва kyanos — лочувард), моддаи рангбахши шираи ҳучайраи растанӣ. Аз ҷиҳати химиявӣ А. гликозиде мебошад, ки дар он боқимондаи глюкоза ё диг. ангиштоб бо агликони рангин, яъне моддаи ғайриқандӣ алоқаманд аст. Ранги А. ба агликон ва реакцияи муҳит вобаста буда, дар муҳити турш (pH—3) сурху дар муҳити ишқор бунафш (pH — 8,5), кабуд (pH—11) ё сабз (pH—13) мешавад. Роли физиологӣ ва биологии А. ҳоло пурра маълум нест. Баҳору тобистон дар районҳои кӯҳӣ ва Шимоли Дур дар барги бештари растаниҳо ҳамчун моддаи аз таъсири номувофиқи нури ультрабунафш муҳофизаткунанда ҳосил мешавад. Ақидае ҳаст, ки А. роли фитоэнергӣ дорад. Ғайр аз ин А. энергияи нури аз фотосинтез боқимондаро қабул карда, мизони ҳарорат, об ва метаболизми растаниро беҳтар мегардонад.

АНТРАЦЕН (юн. anthrax — ангишт), $C_{14}H_{10}$, карбогидриди ароматии конденсацияшуда; кристалли беранг, бо флуоресценция бунафш, t гуд. 216,6° С, t ҷӯш 351° С. С. 1832 дар зифти ангиштсанг ёфт шудааст. Онро аз равгани антрацен, ки ҳангоми дар ҳарорати 280—360° С ронданӣ зифти ангиштсанг ҷудо мешавад, ҳосил мекунанд. Ба А. галогенонӣ, нитронӣ, сульфуронӣ ва диг. реакцияҳои карбогидридҳои ароматӣ хос аст. Антрахинон, ки дар синтези рангҳои антрахинонӣ ашьёи хом ба шумор меравад, яке аз пайвастҳои оксидшудаи А. мебошад.

АНТРАЦИТ (юн. anthrakitis—павъи ангишт), хели ангишти табиии ба дараҷаи олӣ метаморфшуда. Рангаш сиёҳи дурахшон, баъзан сиёҳи ҳокистартоб; ҷилояш баланди металлӣ. Сахтиаш 2—2,5; зичии массаи органикиаш 1500—1700 кг/м³. Гармии сӯзиши А. 33,9—34,8 МҶ/кг (8100—8350 ккал/кг). Ҷараёни электрро нагз мегузаронад, аз ин сабаб барои тайёр кардани электродҳо ба кор меравад. А. ҳамчун сӯзишвории аълосифат дар металлургия васеъ истифода мешавад. Захираҳои калони А. дар СССР (Донбасс, Кузбасс ва г.), Хитой, ШМА мавҷуданд.

АНТРОПО... (юн. anthropos—одам), қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки мансубияти онҳоро ба одам ифода мекунад (мас., антропология, антропометрия).

АНТРОПОГЕН (аз *антропо...* ва genos — пайдоиш), давраи антропогенӣ, номи давраи чорумини эраи кайнозой, давраи навтарини таърихи геологии Замин, ки ҳоло ҳам идома дорад. Синни давраи А.-ро аз 600 ҳаз. то 1 млн сол, баъзеҳо то 2—3 млн сол ҳисоб мекунанд. Истилоҳи А.-ро с. 1922 геологи рус А. П. Павлов дар он асос таъсия намуд, ки таърихи пайдоиш ва ташаккули одам ба ин давра алоқаманд аст. Хусусияти асосии А. сардшавии умумии иқлими руи Замин мебошад. Дар ин муддат сармои қаҳратун борҳо такрор ёфта, қисми зиёди материкҳои

ба ворид карда мешавад. Дар натича дар организми асп А. ҳосил мешаванд. Зардоби хуни чунин аспро дар муолиҷаи *ханноқ*, *ботулизм*, *кузоз* ва диг. касалиҳо истифода мебаранд.

АНТИФРИЗҲО́ (аз *анти...* ва англ. freeze — ях кардан), моеоте, ки дар ҳарор. хеле паст ях намекунад. Дар техника ба сифати А. маҳлулҳои обии спиртҳои як ва бисьёратома (спиртҳои метил, этил ва изопропил, инчунин этиленгликоль ва глицерин) истифода мешаванд. Онҳо барои хунук кардани муҳаррикҳои дарунсӯз ва барои аз ях бастан нигоҳ доштани дастгоҳу механизмҳои дар шароити сармо ва иқлими хунук коркунанда истеъмол мегарданд.

АНТИЦИКЛО́Н (аз *анти...* ва *циклон*), туғьёни азими атмосферӣ, ки характери гирбодӣ дошта, дар натиҷаи баланд шудани фишори ягон ноҳияи атмосфера ба вуҷуд меояд. Паҳноии А. то ҳазорҳо км мерасад.

Схемаи антициклон дар Нимкураи шимолӣ, хатҳои сиёҳ — изобарҳои наздизамиӣ; тиракҳо—самти шамол; В — маркази антициклон.

Структура ва хусусиятҳои А. муқобили структура ва хусусиятҳои циклон аст. Дар харитаҳои тақсимоти фишор А. бо изобарҳо (хатҳои фишори якхела)-и концентрикии сарбасти тақрибан байзашакл ифода мегардад. Фишори ҳаво дар маркази А. аз ҳама бештар шуда, то $1{,}025 \cdot 10^5$—$1{,}04 \cdot 10^5$ Па (дар сатҳи баҳр), баъзан (мас., зимистон дар Осиё) то $1{,}07 \cdot 10^5$ Па мерасад (ҳол он ки фишори миёна дар сатҳи баҳр $1{,}01 \cdot 10^5$ — $1{,}015 \cdot 10^5$ Па аст). А. дар *тропосфера* (қисми поёнии атмосфера) муштарак бо циклон вусъат меёбад. А. ва циклон қисмҳои циркуляцияи умумии атмосфераанд, ки боиси мубодилаи байниарзии ҳаво мегарданд. Баъзе А.-ҳо чанд шабонарӯз ва ҳатто чанд ҳафта вуҷуд дошта метавонанд. А.-ҳо ҳам мисли циклонҳо ба самти интиқоли умумии ҳаво, яъне аз ғарб ба шарқ, лекин бо тамоюле ба тарафи арзҳои поён ҷой иваз мекунанд. Суръати мнёнаи интиқоли А. дар Нимкураи шимолӣ то 30 км/с, дар Нимкураи ҷанубӣ то 40 км/с, дар Осиёи Миёна тобистон то 49 км/с, зимистон то 60—65 км/с мерасад. Дар Нимкураи шимолӣ бод дар атрофи маркази А. ба самти мили соат ва дар Нимкураи ҷанубӣ баръакси он ҳаракат мекунад. Ӯмӯҳтаи пайдоишу ҳаракати А. дар пешгӯии обу ҳаво роли муҳим мебозад. Нг. низ *Циркуляцияи атмосфера*.

АНТИҶИСМҲО́, з и д д и ҷ и с м ҳ о, моддаҳое, ки масуният (иммунитет) ҳосил мекунанд. Моддаҳои сафедавӣ, ки ҳангоми ба организм ворид шудани *антигенҳо* бар зидди онҳо ҳосил шуда, таъсири онҳоро безарар мегардонанд. А. асосан дар зардоби хун ҷамъ мешаванд. Агар ба зардоби чунин хун токсини микроби беморгангез ҳамроҳ карда шавад, А. токсинро безарар мекунанд. Ба зардоби хуне, ки А. дорад, микроб дохил карда шавад, А.-и дар зардоб будаи микробҳоро ба ҳамдигар пайваста, ғуч (агглютинация) ва баъзан ҳал мекунанд; дар ҳолатҳои чудогонаи антигенҳоро таҳшин мегардонанд. Зардобҳои хуне, ки А. доранд, дар муолиҷа ва пешгирии баъзе беморихои сироятӣ (тиф, бруцеллёз) ва ғ. истифода мешаванд.

АНТОКО́ЛЬСКИЙ Павел Григорьевич (тав. 1. 7. 1896, Петербург), шоири советии рус. Аъзои КПСС аз с. 1943. Аввалин маҷмӯаи шеърҳояш с. 1922 нашр гардид. Асарҳои с-ҳои 20 А. оҳанг ва мавзӯъҳои романтикӣ доранд: маҷмӯаи «Ғарб» (1926), «Китоби сеюм» (1927), достонҳои «Робеспьер ва Горгона» (1928) ва «Коммунаи соли 71» (1933). С-ҳои 30 дар ашъори А. образҳои реалии ҳамзамононаш пайдо шуданд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шеър ва қиссаҳои ватанпарварона менавишт. Достони «Писар» (1943; Мукофоти давлатии СССР, 1946) ба фарзанди дар ҷанг ҳалокгаштаи шоир бахшида шудааст. Дар достони «Дар тангкӯчаи паси Арбат» (1954) таърихи наслеро тасвир мекунад, ки воқеаҳои ҷанги якуми ҷаҳонро аз сар гузаронида, бинокори ҷамъияти нави социалистӣ шудааст. С. 1958 маҷмӯаи шеърҳои «Устохона», с. 1960 маҷмӯаи «Қувваи Вьетнам. Маҷаллаи сафарӣ», с. 1962 маҷмӯаи «Шиддати баланд», с. 1964 маҷмӯаи «Ченаки чорум»-и ӯ чоп шуданд. А. асарҳои шоирони франсавӣ, булғор, гурҷӣ, озариро тарҷума кардааст. С. 1971 чанд шеъри шоир ба тоҷикӣ тарҷума ва нашр гардид: «Шарқ», «Бад макун, дил», «Вақт ва шоир», «Анҷом». А. бо 4 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст. *М. Исломова.*

АНТОНИЙ Марк (Marcus Antonius) (83—30 то м.), ходими сиёсии Рим, сарлашкар. Солҳои ҷанг (57—55) дар Фаластин ва Миср сардори лашкари савора буд. С. 54 ба Юлий *Цезарь* наздик шуда, дар юришҳои Галлия иштирок кард. Солҳои ҷанги граждани (49—45) Цезарро фаъолона дастгирӣ менамуд. А. баъди марги Цезарь бо қотилони Цезарь ва сенат муросокорӣ мекард, вале дертар муносибати А. бо сенат тезутунд шуд, зеро А. даъвои идора кардани Галлияро дошт. С. 43 дар пазди ш. Мутина ҳангоми задухӯрд бо қӯшунҳои сенат А. шикаст хӯрд. С. 42 бо Октавиан муттаҳид шуда, қӯшунҳои Брут ва Кассийро шикаст дод. Дар натича идораи вилоятҳои шарқии империяи Рим ба дасти А. гузашт. Ӯ бо маликаи Миср Клеопатра наздик шуда, ба вай ва писаронаш мулкҳои зиёдеро тӯҳфа кард. Ин сиёсат боиси эътирози триумвират (иттифоқи сегонаи ходимони сиёсӣ ва ҳарбӣ) ва аҳли Рим гардид. Сенат ба Клеопатра ҷанг эълон кард. С. 31 дар пазди Акция флоти Миср шикаст хӯрд. Баъди ба Миср даромадани қӯшунҳои Октавиан А. худкушӣ кард.

АНТОНИМҲО́ (аз *анти...* ва оним — ном), калимаҳое, ки маъноҳои зидди якдигар дошта, барои ифодаи воқеаю зуҳуроти ба ҳам муқобил ва мухталиф истифода мешаванд. Дар забони тоҷикӣ тазод мегӯянд: «равшан» — «торик», «кам» — «беш», «паст»—«баланд». Муносибатҳои антонимӣ бештар дар калимаҳои дорои маъноии сифатӣ, миқдорӣ, замонӣ ва фазоӣ мавҷуд аст. Ба ёрии воситаҳои калимасозӣ низ мафҳумҳои антонимиро ифода кардан мумкин аст: «доно» — «нодон», «даромадан» — «баромадан». Ба А. одатан калимаҳои решагӣ мансубанд. Калимаҳои сермаъно дар маъноҳои гуногун А.-и худро доранд: (хонан) «тоза» — «ифлос», (фикри) «нав» — «кӯҳна» ва ғ. Баъзе калимаҳои антонимӣ дар шакли ҷуфт истеъмол шуда, мафҳумҳои навро ифода мекунад: «каму беш» «хурду калон». Дар услуби адабию бадеӣ мафҳумҳои антонимӣ ҳамчун воситаи тасвир (санъати тазод) истифода мешаванд. Низомӣ гӯяд:

Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
Ки абри сияҳ борад оби сафед.

М. Муҳаммадиев.

АНТОНИНҲО́ (Antonini), сулолаи императорони Рим дар с-ҳои 96—192; А. чун унвони сулола аз номи Антонин Пий гирифта шуда, намояндагонаш инҳоянд: Нерва (96—98) — асосгузори сулола, Траян (98—117), Адриан (117—138), Антонин Пий (138—161), Марк Аврелий (161—180) ва шарикҳукмронаш Луций Вер (161—169), Коммод (180—192). А. дар сиёсати дохилӣ ва берунӣ манфиати ғуломдорони Рим ва музофотҳои онро муҳофизат менамуданд. Сиёсати онҳо ба таҳвияти иқтисодиёти империя равона карда шуда буд. А.-и аввалин (хусусан Траян) дар сиёсати берунӣ хеле фаъол буда, ба империя заминҳои нав (с. 106 Дакия ва Арабистон, с-ҳои 114—115 Арманистон ва Байнаннаҳрайн)-ро ҳамроҳ карданд. Адриан сиёсати мустаҳкам намудани сарҳадҳо ва сохтмони иншооти муҳофизавиро пеш гирифт. Дар замони А. идеяи ҳокимияти мутлақ комилан ташаккул ёфт ва аппарати бюрократӣ ташкил карда шуд. Давраи ҳукмронии А. нуқтаи олии авҷи сиёсати дохилӣ ва хориҷии империяи Рим ба шумор мерафт. Вале дар замони Адриан бӯҳрони сохти ғуломдорӣ ва аз аҳди Марк Аврелий таназзули империяи Рим сар шуд.

АНТО́НОВ Олег Константинович (тав. 7. 2. 1906, қиш. Троицы, губ. Москва), авиаконструктори советӣ,

доктори илмҳои техникӣ, акад. АФ РССУ (1968), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1966). Аъзои КПСС аз с. 1945. Ин-ти политехникии Ленинградро хатм кардааст (1930). Аз с. 1946 роҳбари бюрои конструкторӣ тачрибавӣ. Таҳти роҳбарии А. як қатор самолётҳои нав, аз ҷумла, самолётҳои турбовинтии нақлиёти Ан-8, Ан-10, Ан-14, Ан-24, Ан-12, Ан-22 (Антей) сохта шудаанд. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 5—9). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1952) ва Мукофоти ленини (1962). Бо 2 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

АНТОНОВ Семён Михеевич (тав. 2. 8. 1919, деҳаи Сатинои р-ни Сампурск, вил. Тамбов), лётчик-санҷишгари Хизматнишондодаи СССР (1963), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1957), полковники зап. Баъди хатми мактаби 7-солаи қ. Сатино с. 1937 ба Душанбе омада, дар ф-каи пиллакаши мошинисти дизель шуда кор кард. А. дар ин ҷо аъзои комсомол шуд. Баъдтар ба аэроклуби назди ОСОАВИАХИМ-и республика дохил гардид. С. 1938 дар назди аэроклуб курси тайёрии инструкторон-лётчикҳоро ба охир мерасонад. Авг. 1939 бо роҳхати комитети комсомоли ш. Душанбе ва комиссариати ҳарбӣ ба омӯзишгоҳи авиационии ҳарбии Краснодар фиристода мешавад. С. 1941 пас аз итмоми мактаби авиационии ба номи В. П. Чкалови Таганрог ба округи ҳарбии Назди Балтика меравад; дар полки собиқи 50-уми Байрақи Сурхдори бомбаандози авиационӣ лётчик шуд. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. А. то авг. 1943-ум 93 парвози ҷангӣ кардааст. Аз авг. 1943 то с. 1963 лётчик-санҷишгар. Аз с. 1965 нафақахӯр. Бо ордени Ленин, 2 ордени Байрақи Сурх, 2 ордени Ситораи Сурх ва медальҳо мукофотонида шудааст.

А. Бухоризода.

АНТОНОВ-ОВСЕЕНКО (лақ. партиявиаш Штык, тахалл. адабӣ А. Гальский) Владимир Александрович (21. 3. 1883, Чернигов — 1939), ходими партиявӣ ва давлатии советӣ, иштирокчии фаъоли Рев. Октябрь, журналист. Аъзои РСДРП аз с. 1903. Аз оилаи хизматчии ҳарбӣ. Аз с. 1901 дар ҳаракати революционӣ иштирок кард. С. 1904 омӯзишгоҳи юнкерии Петербургро хатм намуд. С-ҳои 1905—06 яке аз ташкилотчиёни шӯришҳои ҳарбӣ дар Ново-Александрия (Польша) ва Севастополь. Ҳамчун намояндаи ташкилоти ҳарбии аъзои Комитети петербургии РСДРП буд. С. 1906 ба қатл маҳкум карда шуд, ки онро ба 20 соли бадарга иваз намуданд. Аз бадарга гурехта, кори партиявиро дар Финляндия, Петербург ва Москва давом дод. С. 1910 ба меньшевикҳо ҳамроҳ шуд. Май 1917 ба партияи большевикӣ дохил гардид. Окт. 1917 котиби КХР Петроград, яке аз роҳбарони ҳучуми Қасри зимистони ва ба ҳабс гирифтани роҳбарони Ҳукумати муваккатӣ. Дар Съезди 2-юми умумироссиягии Советҳо 26 окт. (8 нояб.) 1917 дар ҳайати якуми СКХ интихоб гардид. С-ҳои 1917—19 фармондеҳи қушунҳои совети бар зидди казакҳои атаман Каледин, фармондеҳи фронти Украина ва қушунҳои советии ҷанубӣ Россия, комиссари халқи оид ба корҳои ҳарбии РСС Украина. С-ҳои 1919—20 раиси Комитети губ. Тамбов. С-ҳои 1922—24 сардори Управлениями сиесии СХР республика. С-ҳои 1923—27 ба тарафи троцкичиён гузашт ва 1928 аз онҳо алоқаро канд. Дар Чехословакия (1924), Литва (1928), Польша (1930) намояндаи доими буд. Аз с. 1934 прокурори РСФСР. С-ҳои 1936—37 дар вазифаи консули генералии СССР дар Барселона кор кардааст.

АНТОНОВЧИГӢ, исьёни зиддисоветии кулакҳою эсерҳо с-ҳои 1920—21 дар губ. Тамбов, ки аз номи роҳбари исьёнӣ эсер А. С. Антонов гирифта шудааст. Империализми байналхалқӣ ва контрреволюцияи дохили дар шароити ба сохтмони осоишта гузаштани республикаи совети мекӯшиданд аз калавиши буржуазиии майда истифода намуда, деҳқононро бар зидди коргарон баранге-занд ва диктатураи пролетариатро сарнагун созанд. А. яке аз зуҳуроти ҳамин кӯшишҳо буд. Унсурҳои кулаку эсер қасдан норозигии деҳқононро аз развёрстканӣ озуқа, нобудани молҳои саноатӣ, қонуниятӣ революционӣро вайрон кардани баъзе агентҳои развёрстка ва г. авч дода, аз суст шудани ташкилоти губернияги РКП(б) (бисьёр партиявиён ба фронт сафарбар шуда буданд) истифода намуда, авг. 1920 дар деҳаи Каменкаи уезди Кирсанов исьёнӣ бардоштанд. Дере нагузашта исьёнӣ уездҳои Тамбов, Кирсанов, Борисоглебск, Моршанск, Козловро фаро гирифт. КМ РКП(б), СКХ, шахсан В. И. Ленин барои зудтар пахш кардани исьёнӣ армия, беҳтарин ходимони давлатӣ ва партиявиро сафарбар карданд. Авг. 1921 исьёнӣ пахш ва июли 1922 Антонов қатл карда шуд.

АНТОЦИАН (аз юн. anthos — ранг ва kyanos — лочувард), моддаи рангбахши шираи ҳуҷайраи растанӣ. Аз ҷиҳати химиявӣ А. гликозиде мебошад, ки дар он бокимондаи глюкоза ё диг. ангиштоб бо агликони рангин, яъне моддаи ғайриқандӣ алоқаманд аст. Ранги А. ба агликон ва реакцияи мухит вобаста буда, дар мухити турш (pH—3) сурху дар мухити ишқор бунафш (pH — 8,5), кабуд (pH—11) ё сабз (pH—13) мешавад. Роли физиологӣ ва биологии А. ҳоло пурра маълум нест. Баҳору тобистон дар раҳонҳои кӯҳӣ ва Шимоли Дур дар барги бештари растаниҳо ҳамчун моддаи аз таъсири номувофиқи нури ультрабунафш муҳофиладткунанда ҳосил мешавад. Акидае ҳаст, ки А. роли фитоэнерги дорад. Ғайр аз ин А. энергияи нури аз фотосинтез бокимондаро қабул карда, мизони ҳарорат, об ва метаболизми растаниро беҳтар мегардонад.

АНТРАЦЕН (юн. anthrax — ангишт), $C_{14}H_{10}$, карбогидриди ароматии конденсацияшуда; кристалли беранг, бо флуоресценция бунафш, t гуд. 216,6° С, t ҷӯш 351° С. С. 1832 дар зифти ангиштсанг ёфт шудааст. Онро аз равғани антрацен, ки ҳангоми дар ҳарорати 280—360° С ронданӣ зифти ангиштсанг ҷудо мешавад, ҳосил мекунанд. Ба А. галогенонӣ, нитронӣ, сульфуронӣ ва диг. реакцияҳои карбогидридҳои аромати хос аст. Антрахинон, ки дар синтези рангҳои антрахинонӣ ашьёи хом ба шумор меравад, яке аз пайвастҳои оксидшудаи А. мебошад.

АНТРАЦИТ (юн. anthrakitis — навъи ангишт), хели ангишти табиии ба дараҷаи олӣ метаморфшуда. Рангаш сиёҳи дурахшон, баъзан сиёҳи ҳокистартоб; ҷилояш баланди металлӣ. Сахтиаш 2—2,5; зичии массаи органикиаш 1500—1700 кг/м³. Гармии сӯзиши А. 33,9—34,8 МҶ/кг (8100—8350 ккал/кг). Ҷараёни электрро нагз мегузаронад, аз ин сабаб барои тайёр кардани электродҳо ба кор меравад. А. ҳамчун сузишвории аъҳосифат дар металлургия васеъ истифода мешавад. Захирахои калони А. дар СССР (Донбасс, Кузбасс ва г.), Хитой, ШМА мавҷуданд.

АНТРОПО... (юн. anthropos — одам), қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки мансубияти онҳоро ба одам нишон мекунад (мас., антропология, антропометрия).

АНТРОПОГЕН (аз *антропо...* ва genos — пайдоиш), даврои антропогенӣ, номи даврои чорумини эраи кайнозой, даврои навтарини таъриҳи геологии Замин, ки ҳоло ҳам идома дорад. Сиҳпи даврои А.-ро аз 600 ҳаз то 1 млн сол, баъзеҳо то 2—3 млн сол ҳисоб мекунанд. Истилоҳи А.-ро с. 1922 геологи рус А. П. Павлов дар он асос таъсия намуд, ки таъриҳи пайдоиш ва ташаккули одам ба ин давра алоқаманд аст. Хусусияти асосии А. сардшавии умумии иқлими рӯи Замин мебошад. Дар ин муддат сармои қаҳратун борҳо такрор ёфта, қисми зиёди материкҳои

Нимкураи шимолӣ якчанд маротиба яхпӯш шудаанд. Дар қисми экватории Замин иқлим сусттар тағьир ёфта, муҳити хушкӣ ба ҳозира қариб мувофиқ буд. Дар давраи А. ҳаракатҳои зӯри тектоникии қишри замин рӯй додаанд, ки онҳо махсусан дар минтақаҳои чиндори альпии Евросиё, ноҳияҳои атрофи уқ. Ором, системаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ, инчунин ҷан. қисми Осиёгии СССР равшан зоҳир шудаанд. Дар ибтидои давраи А. дар ноҳияҳои чиндори номбурда вулқонизм назар ба ҳозира пуршиддат зоҳир шудааст. Ниг. низ *Давраи чорумин.*

АНТРОПОГЕНЕ́З (аз *антропо...* ва *генезис*), таълимот оид ба пайдоиши одам, қисми антропология. Масъалаҳои мақоми инсон дар системаи олами ҳайвонот, марҳалаҳои асосии инкишофи одам дар асоси маълумоти анатомияи муқоисавӣ, эмбриология, палеонтология, геология, археология ва илмҳои дигар ҳал карда мешаванд. Олими англис Ч. Дарвин масъалаи ҳамнавъии одамро бо маймуни ба дараҷаи олӣ инкишофьёфтаи одамшакл асоснок кард. Ф. Энгельс исбот кард, ки меҳнат дар ҷараёни ба одам табдил ёфтани маймун омили асосист. Мувофиқи ақидаи Ф. Энгельс «Одамро меҳнат офарид». Ташаккули одами ҳозира ба инкишофи ҷамъияти инсонӣ вобаста буда, тамоми инсонияти имрӯз як маншаъ дорад. «Назарияҳои» аз маймунҳои гуногун ба вуҷуд омадани нажодҳои ҳархела ғайрилмиянд ва барои асоснок кардани нажодпарастӣ хизмат мекунанд.

АНТРОПОЛОГИ́ЗМ (аз *антропо...* ва *логос*), назарияи фалсафиест, ки инсонро маҳсули олии табиат донисто, тамоми хислатҳои ӯро ба маншаи табиӣ тобеъ мешуморад ва таъсири ҷамъиятро дар ташаккулу такомули шахсияти вай эътироф намекунад. Дар фалсафаи материалистии а-ҳои 17—18 А. асоси назариявии революцияҳои буржуазӣ шуда хизмат намуд, зеро исбот мекард, ки сохти феод. ва дин ба табиати ҳақиқии инсон бегона аст. Социалистони хаёлии а. 19 (Оуэн, Дезами) А.-ро барои маҳкум кардани моликияти хусусӣ, одамро истисмор кардани одам, барои исботи зарурати барҳам додани моликияти хусусӣ ва барқарор намудани моликияти ҷамъиятӣ истифода бурдаанд. Марҳилаи олии А.-и материалистӣ материализми антропологии Л. *Фейербах* ва Н. Г. *Чернышевский* мебошад. Онҳо А.-ро ба муқобили фаҳмиши дуалистонаи робитаи рӯҳу материя, принципи идеалистии тобеъ кардани моддиёт ба рӯхониёт, аз табиат ҷудо кардани инсон, инчунин бар зидди идеологияи динӣ равона карда буданд. Л. Фейербах ва Н. Г. Чернышевский А.-ро барои барқарор кардани материализм истифода карда, мегуфтанд: чунон ки таҳлили олии табиат — инсон нисбат ба рӯҳаш муқаддам аст ва фаъолияти рӯҳии ӯ ба фаъолияти физиологии таҳаш тобеъ аст мисли ҳамин дар олам аввал материя, сонӣ рӯҳ пайдо шудааст. Бинобар ин рӯҳро аз олами моддӣ ҷудо карда, ба он муқобил гузоштан ва рӯҳро офаридгори олами моддӣ эълон намудан хатои маҳз мебошад. А. чун яке аз шаклҳои материализми томарксистӣ аз маҳдудиятҳо холӣ набуд. Вай аз қайди метафизика берун баромада натавонист; ҳаёти ҷамъиятро идеалистона шарҳ медод; моҳияти инсонро на ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки абстрактӣ мефаҳмид; маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятро аз равобити «ман» — «ту» иборат медонист. Аз нимаи дуюми а. 19 сар карда А.-и идеалистӣ босуръат инкишоф меёбад (Ф. Ницше, В. Дильтей, Г. Зиммель), ки нуқтаи олии он антропологияи фалсафии идеалисти ҳозира М. Шелер аст. А.-и идеалистӣ, ки хоси бисьёр равияҳои фалсафа *(экзистенциализм, прагматизм),* социология (антропосоциология, *дарвинизми иҷтимоӣ*) ва психология (фрейдизм)-и ҳозираи буржуазист, олами объективиро маҳсули моҳияти (нафс, фикр) инсон медонад.

Масъалаи инсон дар фалсафаи асрҳои миёнаи халқҳои Шарқи Наздику Миёна, аз ҷумла дар фалсафаи тоҷик мавриди баҳсҳои зиёде буд. Фалсафаи *калом,* ки зотан фалсафаи ислом буд, инсонро ҳақир ва дар донистани олам нотавон тасвир карда, тамоми мақсади ҳаёти ӯро аз тайёрӣ ба охират иборат медонист, роли ҷамъиятро дар такомули вай ва мақоми инсонро дар тараққиёти ҷамъият рад мекард (Абулҳасани Ашъарӣ, Муҳаммади *Ғазолӣ,* Фахруддини *Розӣ*). Фалсафаи *машшоия* инсонро офаридаи худо донад ҳам, вале ӯро маданиюттабъ ва дар афъоли худ соҳибихтиёр мешуморид, роли муҳит ва таълиму тарбияро дар ташаккули шахсияти ӯ эътироф мекард, вайро дар донистани олам қодир медонист (Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ). Тасаввуф мақоми инсонро то дараҷаи худой боло мебурд (Абулмаҷди *Саной,* Фаридуддини *Аттор,* Ҷалолуддини Румӣ). Ин шакли махсуси эътироз ба муқобили воқеияти феодалӣ буд, ки муносибатҳои ҷамъиятии зиддигуманистии он инсонро сахт таҳқир мекарданд. Вале бо вуҷуди ин таълимот роҷеъ ба инсон дар фалсафаи халқҳои Шарқ дар шакли А. сурат нагирифтааст. *М. Динаршоев.*

АНТРОПОЛОГИ́Я (аз *антропо...* ва *логос*), илм дар бораи пайдоиш, инкишоф, қонуниятҳои дигаргуншавии сохти бадани одам ва ташаккули нажодҳо. Ф. Энгельс А.-ро илми «...гузариш аз морфология, физиологияи одам ва нажодҳои он ба таъриҳ» меномад. Юнониёни қадим бо мушоҳидаю ақидаҳои худ ба равнақи А. саҳми калон гузоштанд. Намояндагони илми тиб, сайёҳон, табиатшиносон, файласуфон А.-ро инкишоф доданд. Кашфиётҳои бузурги географӣ (а-ҳои 15—16) аврупоиёнро бо нажодҳои нав шинос кард. А. дар Россия ибтидои а. 18 пайдо шуда, ҳамчун илм танҳо нимаи дуюми а. 19 шакл гирифт. Дар СССР А. хеле инкишоф ёфта, дар муассисаҳои илмии мамлакат шӯъба ва кафедраҳои махсуси А. амал мекунанд. Илми замонавӣ А.-ро ба се қисми асосӣ тақсим мекунад: *антропогенез,* А.-и этникӣ ё нажодшиносӣ, *морфологияи одам* ё илм оид ба тағьироти бадани одам. Морфологияи одам ба самотология ва мерология тақсим мешавад. Самотология қонуниятҳои тағьироти организми одамро умуман меомӯзад ва бо илми тиб алоқаманд мекунад. Мерология тағьироту фарқиятҳо узвҳои алоҳидаи организмро меомӯзад. Натиҷаи самотология ва мерология ҳамнавъии одамро бо дигар ҷондорҳо ва мақоми онро дар системаи олами ҳайвонот муайян мекунад.

Антропологҳои иртиҷоӣ қонуниятҳои биологӣ ва иҷтимоиро омехта, ба ном таълимоти евгеника, социалдарвинизм, *антропосоциология,* нажодпарастиро бофта бароварданд, то ки сиёсати таҷовузкоронаи империализмро пардапӯш кунанд. А.-и советӣ, ба мероси прогрессивии А.-и рус ва ҷаҳонӣ такья карда, сафсатаҳои нажодпарастонаи антропологҳои буржуазиро қатъиян рад мекунад. А. бо забоншиносӣ, таъриҳ, археология, генетика, физиология, зоогеография, иқлимшиносӣ, назарияи умумии ташаккули намуд алоқаи зич дорад. Маълумоти А. дар соҳаҳои гуногуни илми тиб ва экспертизаи тиббии ҷиноӣ истифода мешавад.

АНТРОПОМЕ́ТРИЯ (аз *антропо...* ва *...метрия*), 1) системаи усулҳои ченкунии бадани одам ва узвҳои алоҳидаи он (бо ёрии асбобҳои махсус — антропометрҳо ва г.). Дар *антропология* ва тиб истифода мешавад. 2) Дар криминалистика системаи усулҳои қайди ҷиноятҳорон барои минбаъд дарьёфтан ва шинохтани онҳо. Бори аввал дар Франция ҷорӣ шуд (1883). Дар ибтидои а. 20 бо *дактилоскопия* ивваз карда шуд.

АНТРОПОМОРФИ́ЗМ (аз *антропо...* ва юн. morphe — шакл), мушобиҳа, шакли ибтидоии ҷаҳонбинӣ, ба ҳодисаҳои табиат ва мавҷудоти хаёлӣ нисбат додани сифатҳои инсонӣ. А. яке аз ҷиҳатҳои хоси динҳо буда бештар дар тасвири худоҳо мушоҳида мешавад. Одамони ибтидоӣ аз ваҳшӣ соддалавҳӣ ва оҷизӣ моҳияти ҳодисаҳои табиаро нафаҳмида, онҳоро ба амали мавҷудоти хаёлии инсоншакли пурзӯр нисбат медоданд. Ин тасаввурот ба ҳиндуён, мисриён, бобулиён, суриягиҳои қадим хос буд. Фарқи худоҳои юнониёни бос-

тонӣ аз инсон дар ҳамин буд, ки онҳо пурзӯр ва фанонопазир буданд. Онҳо худоҳои хешро чун мардон ва занони зебо муҷассам менамуданд. А. дар равияҳои католикӣ ва православии *масеҳият* бештар мушоҳида шуда, дар ислом ва дини яҳудӣ ноаёнтар аст. Баробари инкишофи илму тамаддун назариётчиёни динҳои гуногун барои аз хислатҳои мушобиҳавии дағал озод кардани динҳо ва ягона нишон додани худоҳо кӯшидаанд, ки ин боиси пайдоиши таълимоти динию фалсафӣ — *теизм, худосозӣ* гардид. А. дар эҷодиёти даҳанакии халқ (афсона, суруд) низ акс ёфтааст, ки он аз мушобиҳаи динӣ бо хусусияти бештар ҳаётии худ фарқ дорад. Баъзе мафҳумҳои илмӣ (қувва, энергия, кор) ҳам то андозае характери антропоморфӣ доранд, вале онҳо реалияти объективиро ифода менамоянд. Дар рафти инкишофи илм ҷаҳонбинии илмӣ А.-ро торафт маҳдуд мекунад. *К. Олимов.*

АНТРОПОНИМИКА (аз *антропо...* ва юн. onyma — ном), соҳаи *ономастика*, ки исмҳои хос, пайдоиш, тағйирот, ҳудуди географии интишор, ҷанбаи иҷтимоӣ, сохт ва инкишофи системаҳои антропонимиро дарбар мегирад. Системаҳои антропонимӣ дар халқҳои мухталифи олам гуногунанд ва вобаста ба тараққиёти таърихии онҳо тағйир инкишоф ёфта, дар ҳаёт, урфу одати халқиятҳо акс меёбанд. *Т. Ваҳҳобов.*

АНТРОПОНОЗҲО (аз *антропо...* ва юн. nosos — беморӣ), бемориҳои сироятии хоси одам, ки ба онҳо ҳайвонот дучор намешавад. *Вабо, тифи шикам, ханноқ, зуком, варача, сӯзок, сифилис* ва ғ. аз қабили А.-анд.

АНТРОПОСОФИЯ (аз *антропо...* ва юн. sophia — ҳикмат), таълимоти ирфонӣ-мистикӣ (дар бораи одам, як навъи *теософия* мебошад), ки дар он ақидаҳои пифагориён, навафлотуниён, гностикҳо ба ҳам омехтаанд. Асосгузори А. мистики немис Рудольф Штейнер (1861—1925) с. 1913 дар Дорнах (Швейцария) «Ҷамъияти умумии антропософӣ»-ро таъсис намуд. Ӯ дар асарҳои худ «Илми ғайб», «Антропософия» моҳияти ин таълимотро баён кардааст. Мувофиқи таълимоти А. худо дар ҳодисоти табиат таҷассум гардида, гӯё дар шакли одам эҳё мешавад. Дар масъалаи давлат А. утопияи иртиҷоии Афлотунро тарафдорӣ мекунад. Ҳоло А. дар РФГ, Англия, ШМА ва баъзе диг. мамлакатҳои капиталистӣ интишор ёфтааст, ки ин далели бӯҳрони фалсафаи буржуазист. *К. Олимов.*

АНТРОПОСОЦИОЛОГИЯ (аз *антропо...* ва *социология*), назарияи социологие, ки дар асоси таҳрифи маълумоти *антропология* мақоми иҷтимоии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳоро бо аломатҳои анатомию физиологии инсон (ҳаҷму шакли косахонаи сар, қад, ранги мӯй ва ғ.) бевосита алоқаманд менамояд. А. ҳодисаҳои ҷамъиятиро низ дар ҳамин замина таъбир мекунад.

Ж. В. де Лапуж (1854—1936) асосгузори А. мебошад. Вай назарияи ғайрилмии Ж. А. Гобиноро дар бораи ориён ҳамчун нажоди олии ашрофӣ қабул намуда, такомул додааст. Ж. В. де Лапуж муборизаи синфиро ҳамчун муборизаи нажодӣ, болоравии ҳаракатҳои озодихоҳонаи меҳнаткашонро чун регресс маънидод намуда, пайдоиши шаклҳои мазкури муборизаро натиҷаи кам шудани «унсури ориёнӣ» медонад. Вай инчунин зарурати чорабиниҳои евгеникиро асоснок кардааст, ки моҳияти онро ором намудани «оммаи беқарор» ташкил медиҳад. *Нажодпарастӣ* дар муборизаи идеявӣ А.-ро истифода мебарад.

АНТРОПОХОРИЯ (аз *антропо...* ва юн. choréo — ҳаракат мекунам), аз як ҷой ба ҷои дигар, ҳатто аз як китъа ба китъаи дигар ба воситаи одам паҳн шудани мева ё тухми баъзе растаниҳо. Чунин паҳншавии тасодуфаи (дар натиҷаи ба либос, пойафзол ё ба каланд, бел, замбар ва диг. асбобу олоти меҳнат часпидан) ё худ бошуурона (ҳангоми растаниро бо мақсади дар дигар ҷой парвариш кардан) ба вуҷӯъ меояд.

АНТРОПОЦЕНТРИЗМ (аз *антропо...* ва лот. centrum — марказ), ақидаест, ки инсонро марказ ва мақсади ол и олам меҳисобад. А. яке аз ифодаҳои босуботи нуқтаи назари илоҳиёт буда, мақсадҳои беруниӣ ва ғайритабиии худро ба олам нисбат медиҳад. Дар фалсафаи антиқа тасреҳи А. ба Суқрот тааллуқ дорад. Баъдтар ин андешаро намояндагони фалсафаи патристика, схоластика ва фалсафаи давраи нав тарафдори намудаанд. *Экзистенциализм* баъзе унсурҳои А.-ро чун заминаи назарияви истифода бурдааст.

АНТУАН (Antoine) Андре (31. 1. 1858, Лимож — 9. 10. 1943, Пулиген), режиссёр ва актёри франсавӣ, назариётчии театр. А.— ташкилкунандаи ду театр дар Париж: Театри Озод (1887) ва Театри Антуан (1897). А. инкишофдиҳандаи тамоюлҳои реалистӣ дар санъати театрист. Ӯ дар тарғиби драматургияи пешқадами хорича хизмати босазое кардааст. А. аввалин саҳнагузории пьесаҳои «Дар зулумот»-и Л. Толстой (1888), «Ҳамтабақ»-и И. Тургенев (1890), «Бофандагон»-и Г. Гауптман (1893) ва ғ. мебошад. А. актёри бомаҳорат буд. Дастурҳои эстетикиаш дар фаъолияти актёрии ӯ ифода ёфтаанд. А. ҳамчун режиссёр ва назариётчии театр ба декорацияҳо, ташкили хуби мизансценаҳои табиӣ, мувофиқати либоси актёрон, самимӣ офаридани образҳо диққати калон медод. Тамоми фаъолияти А. ба баланд бардоштани маданияти саҳнавӣ равона шуда буд. Мероси адабии А. оид ба таърихи театри франсавӣ хеле зиёд буда аҳамияти калони назарияви дорад. А. чун таҳиягари фильмҳои «Бародарони корсикагӣ» (1917), «Баҳодурони баҳр» (1917) ва ғ. низ машҳур аст. Эҷодиёти А. ба санъати театрии франсавӣ ва ҷаҳонӣ таъсири бузург расондааст.

АНУРӢЯ (аз юн. an — хиссачаи инкорӣ ва ûron — шоша), наомадан ё хеле кам омадани шоша. А. дар натиҷаи иллатҳои шадиди гурда, басташавии роҳҳои пешоб бо санги дар гурда пайдошуда, тазйиқ ё фтани нойҳои шоша аз омосҳо, суст шудани фаъолияти дил ва ғ. сар мезанад. Ҳангоми А. даҳон хушк шуда, ташнагӣ, дилбеҳузурӣ ва қай содир мешавад. Муолиҷа: бартараф кардани сабабҳои А.

АНУЧИН Дмитрий Николаевич (27. 8. 1843, Петербург — 4. 6. 1923, Москва), антрополог, географ, этнограф ва археологи советӣ, проф. Ун-ти Москва (1884), акад. (1896), аъзои фахрии АФ (1898). С. 1867 Ун-ти Москваро хатм карда, аз с. 1885 то охири умр дар ҳамон ҷо роҳбари кафедраи география буд. С. 1879 бо ташаббуси А. дар Ун-ти Москва музеи антропология ташкил ёфт, ки он 1919 ба кафедра ва 1922 ба ин-ти тадқиқотии илми табдил гашт. А. чун дарвинист антропологияро маҷмӯи маълумоти табиӣ дар бораи одам меҳисобид. А. душмани нажодпарастӣ буд. Иштирокчии бисьёр экспедицияҳои антропологи, этнографӣ, археологӣ, географӣ, муаллифи асарҳои зиёди илмӣ, китобҳои дарсии мактабҳои олӣ («Таърихи география», «Географияи умумӣ», «Географияи Россия», «Кӯлҳои сароби Волга ва болоби Двинаи Ғарбӣ», «Японня ва японҳо» ва ғ.). Баъди Рев. Октябрь дар корҳои Комитети Давлатии баплангирӣ фаъолона иштирок дошт. Ба пирьяхи шимоли ҷаз. Зеландияи Нав. к. Урали Шимолӣ, ҷазира ва гулӯҳе дар ҷалаҷаз. Курил номи А. дода шудааст.

АНУШЕРВОН انوشیروان ибни Холид Шарафуддин ибни Муҳаммади Кошонӣ (1066, Кошон — 1137, БаҒдод), ходими давлатӣ, адиб ва донишманди форс-тоҷик. Дар Кошон таҳсили илм карда, ба дарбори Маҳмуди Салҷуқӣ роҳ ёфта, с. 1123 ба вазирӣ расид. А. дар боби адибон ҒамхорӣҶ дошт. *«Мақомот»*-и *Ҳарирӣ* бо дахолати ӯ таълиф ёфтааст. А. дар назму насри форсӣ ва арабӣ моҳир буда, бо номи «Нафсат-ул-масдур ва футуру замон-ис-судур ва судуру замон-ил-футур» таърихи давлати Салҷуқиёни Ироқро ба форсӣ навиштааст, ки Имоди Котиб (1125—1200) опро бо унвони «Нусрат-ул-фитрат ва усрат-ул-фитрат» ба арабӣ тарҷума кардааст. А. дар Кошон китобхонаи бузурге дошт, ки вай то с. 1275 боқӣ будааст. *С. Воҳидов.*

АНУШТАГИН انوشتگین Ғарча (Ғалча) (с. тав. номаълум — ваф. 1097), шоҳи Хоразм, асосгузори сулолаи *Хоразмшоҳиён.* Аслан аз ғуломони амири Салҷуқиён Белгитагин. Баъд ба дарбори *Маликшоҳи Салҷуқӣ* омад ва аз ғуломи оддӣ то мансаби ҳокими Хоразм расид.

АНҲАНА (ар. عنعنة — аз номи касе ҳикоят кардан), унсурҳои мероси иҷтимоӣ ва маданӣ, ки аз насле ба насле гузашта, дар ҷамъияти муайян ва дар доираи фаъолияти синфҳою гурӯҳҳои иҷтимоӣ муддати дароз нигоҳ дошта мешаванд. Ба ин маънӣ А. ҷиҳатҳои гуногун дошта, расму оин, тарзи зисту зиндагонӣ, норма ва принципҳои ахлоқии таъриҳан ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷамъиятии одамонро дарбар мегирад. Дар А. хислатҳои рӯҳии миллат, халқ ва ё гурӯҳи халқҳои таъриху маданияташон наздик инъикос меёбанд. Дар ҳаёти ҳар халқ, ташкилоти ҷамъиятӣ, муассиса, идора, донишкадаҳо ва ғ. А.-ҳои каму беш устуворе ба вуҷуд меоянд, ки бо шароити таъриҳии мавҷуда ва хусусиятҳои ин ё он коллективи ҷамъиятӣ алоқаманданд. Мас., А.-ҳои ватандӯстие, ки дар муборизаи халқҳо барои озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти миллии худ ташаккул ёфтаанд (ҷангҳои граждани, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ғ.) ва А.-ҳои миллию мадание, ки бо идҳои халқӣ, мусобиқаҳои спортӣ, расму одатҳои неки оилавӣ, бозиҳои халқӣ ва ғ. вобастаанд, А.-ҳои пешқадами устувор мебошанд. Дар баробари ин А.-ҳои манфӣ, шахшудамонда ва зарарнок ҳастанд, ки ахлоқи коммунистиро онҳоро қатъиян рад мекунад. Мас., нажодпарастӣ, гузаронидани иду маросимҳои динӣ, маҳалчигӣ, ҷӯрапарастӣ барин А.-ҳое, ки ба муносибатҳои патриархалию феодалӣ ва капиталистӣ, инчунин унсурҳои он алоқа доранд, А.-ҳои манфӣ мебошанд. Дастгирӣ ва инкишофи А.-ҳои пешқадам дар меҳнати эҷодкоронаи меҳнаткашони давлатҳои социалистӣ, муборизаи революционӣ ва миллию озодихоҳии мамлакатҳои мустамликавӣ ва тобеъ аҳамияти калон дорад. А.-ҳои хусусияти тарбиявӣ дошта, бо ёрии *афкори ҷамъиятӣ* ҳимоя карда мешаванд. Ҳангоми дар рӯҳи А.-ҳои беҳтарини ҳарбию ватандӯстӣ, революционӣ ва дӯстии байни халқҳо тарбия намудани бинокорони коммунизм аҳамияти педагогии А.-ҳо меафзояд.

А.-ҳои меҳнатӣ, революционию советӣ ва дӯстию интернационалӣ аз қабили ҳамкорию мададгории халқу миллатҳои гуногун (ГЭС-и Норак, сохтмони КаМАЗ, роҳи оҳани БАМ), ҷашнҳои революционӣ (иди Октябри Аъзам, рӯзи Конституцияи СССР), гузаронидани рӯзҳои дӯстӣ, ҳафта ва даҳаҳои адабиёти халқҳои гуногун. А.-ҳои нави оилавию граждании советӣ А.-ҳои пешқадам буда, боиси инкишоф ва гул-гулшукуфии ҷамъияти социалистӣ гардидаанд.

А.-ҳои адабӣ ва бадеӣ омили бузурги инкишофи санъат ва адабиёт мебошанд (ниг. *Анъана ва навоварӣ).* Халқи тоҷик монанди халқҳои диг. як силсила А.-ҳои пешқадам дорад, мас., ёрию имдоди ҳамдигарӣ (ҳашар, шарикӣ) дӯстию рафоқати бегаразона, меҳмоннавозӣ, эҳтироми калонсолон, бозиҳои шавқовари халқӣ (бузкашӣ, пойга, гӯштингирӣ, чавгонбозӣ) идҳои халқӣ (сайри гул, наврӯз) ва ғ. Дар баробари ин расму одатҳои нави советӣ — тӯйҳои комсомолӣ, корвони сурхи ҳосил, занги аввалу охир, ботантана супоридани паспорти аввалин, билети комсомолӣ, галстуки пионерӣ, номаи камол, дафтарчаи меҳнатӣ, ба нафақа ва хизмати ҳарбӣ гуселонидан ба А.-ҳои нав табдил ёфта истодаанд.

А. дар ҷамъияти синфӣ хусусияти синфӣ дорад, бинобар ин аъзоёни он А.-ҳоеро мепазиранд, ки ба мақсаду мароми синфӣ ва иҷтимоиашон мувофиқ бошанд. Марксизм-ленинизм роли А.-ро дар ҳаёти ҷамъият инкор намекунад, зеро беэътиной ба А. боиси суст гардидани идомати тараққиёти ҷамъияту маданият, аз даст рафтани комьёбиҳои муҳими он мегардад.

Ад.: Маркс К., Ҳаждаҳӯми брюмери Луи Бонапарт, Маркс К. ва Энгельс Ф., Ас. мунтахаб, ҷ. I, Д., 1963; Энгельс Ф., Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат. Ас. мунтахаб, ҷ. 2, Д., 1965; Раҳимов М., Ҳаёти нав — идҳои нав, Д., 1965. *М. Раҳимов.*

АНҲАНА ВА НАВОВАРӢ, дар процесси адабӣ як воҳиди кул буда, ду ҷиҳати инкишофи диалектикии адабиётро муайян мекунад.

Анъана ҷамъбасти таҷрибаи ғоявию бадеӣ, сабку услуби адабиёт ва санъат мебошад, ки дар тӯли асрҳо ташаккулу сайқал ёфта, чун ҷузъи таркибии тафаккури бадеӣ барои ганӣ гаштани олами маънавии инсон хизмат мекунад, инкишофи бемайлони адабиёти муосирро таъмин мегардонад. Дар адабиёти советии тоҷик А.-ҳои мундаричаи ғоявӣ (инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, панду ҳикматомӯзӣ, дидактикӣ, маорифпарварӣ) ва шаклии (рубоию ғазал ва достонсароӣ, ёддоштнависӣ, номанигорӣ) адабиёти классикӣ дар зинаи сифатан нав инкишоф меёбад.

Маҳфуми А. хеле васеъ буда, танҳо ба адабиёти гузашта, давраҳои ҷудогонаи он, мактабу равияҳои адабӣ мансуб нест. А. ба эҷодиёти адибони бузург низ дахл дорад. Чунончи, А.-ҳои Рӯдакӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Камол, Саъдӣ, Ҷомӣ, Бедил, Дониш ва ғ. А. асосан таҷрибаи адабию бадеӣ, эстетикӣ ва санъатҳои тасвирии гузаштаи миллӣ мебошад. Вале имрӯз маҳфуми А. хеле васеъ шудааст, зеро ба инкишофи адабиёти советии тоҷик А.-ҳои адабиёти рус ва диг. халқҳои СССР, адабиёти пешқадами халқҳои олам таъсири пурсамар расонида истодаанд. Чунончи, А.-ҳои реалистии адабиёти рус. Адабиёти тоҷик низ ба адабиёти халқҳои диг. таъсир дорад. Дар натиҷаи синтези хусусиятҳои беҳтарини адабиёти халқҳои гуногун А.-и ягонаи адабиёти сермиллияти советӣ пайдо шуд.

Замони нав дар назди нависандагон вазифаҳое гузошт, ки ҳалли бадеии он бозьёфтҳои бадеии тозаро тақозо менамояд ва он танҳо дар натиҷаи ба таври эҷодӣ инкишоф додани А.-ҳои пешқадам ба даст меояд. Яъне, ба туфайли муносибати эҷодкорона имконияти васеи дохилии А. ошкор мегардад. Омӯзиши таҷрибаи бадеию эстетикии адабиёти даҳонакӣ ва осори таълифӣ ба тақозои муҳиту шароити конкрет ва замон тағйир меёбад. Худи замони нав ва тағайюроти диди эстетикии халқ А.-ҳои гузаштаро дигар намуда, ба онҳо унсурҳои тоза илова менамояд ва мазмуни нав мебахшад. Ҳамин тавр, Н. ба А. такья намуда, онро инкишоф медиҳад ва дар айни замон А.-ҳои нав пайдо мешавад, яъне Н. ба А. табдил ёфта, ба инкишофи минбаъдаи адабиёт заминаи нави эстетикӣ фароҳам меоварад. Чунончи, адабиёти советӣ, аз ҷумла адабиёти советии тоҷик аз рӯзҳои аввали пайдоиши худ чун адабиёти навовар ба миён омад. Имрӯз адабиёти советии тоҷик таҷрибаю А.-ҳое дорад, ки боиси инкишофи минбаъдаи он хоҳанд гардид. Дар хусуси санъаткорони барҷаста, аз қабили М. Горький, В. Маяковский, ки бузургтарин навоварони шаклу мазмун мебошанд ва бо эҷодиёти худ ба ташаккулу инкишофи реализми социалистӣ дар адабиёти халқҳои СССР ва фаъолияти эҷодии адибони ҷудогона таъсири амиқ гузоштаанд, айни ҳамин гапро гуфтан мумкин аст. Дар адабиёти тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода низ чунин мавқеъ доранд. Хулоса, А. ва Н. ба ҳам алоқаманд буда, яке дигареро такон дода, инкишофи бемайлони диалектикии адабиёту санъатро таъмин менамоянд. *Ҷ. Баҳозода.*

АНЬШАНЬ, шаҳр дар шим. шарқии Хитой, дар музофоти Лянонин. Аҳол. 784 ҳаз. наф. (1957). Яке аз марказҳои калони саноати вазнин. Дорои комб. металлургӣ, саноати прокати қубур, мошинсозӣ, з-дҳои коксу химия ва химия. Дар А. бузургтарин комб. металлургии Хитой воқеъ аст, ки он с-ҳои 40-ум дар рафти задухӯрдҳои ҳарбӣ зарар дида буд. Баъди ташкил шудани РХХ (1949) бо ёрии СССР барқарор ва васеъ карда шуд. Конҳои Фушун, Фусин, Таншань ва ғ. ба комб. металлургии А. ашёи хом медиҳанд.

АНҚАРА (Ankara; номи пештараш Ангора, қадимааш Анкира), пойтахти Республикаи Туркия,

Анкара. Намуди умумии шаҳр.

маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиии мамлакат. А. дар пуштакӯҳи Анатолияи Марказӣ (бал. 891 м), дар чои якшавии д-ҳои Чубуку Анқара воқеъ гардида, аз рӯи шумораи аҳолӣ (1,7 млн нафар., 1975), баъди Истамбул шаҳри дуюм аст. Иқлимаш континентӣ, ҳарор. миёнаи янв.— 0,7°, июль 23,2 С. Боришоти солона 340 мм. Роҳҳои шоссе А.-ро бо марказҳои вилоятҳо ва р. о. бо соҳ. б-ҳои Сиёҳ, Мармар, Эгей, Миёназамин, гул. Босфор, инчунин бо сарҳади Туркияю Иттифоқи Советӣ менайвандад. А. з-дҳои авиационӣ, аслиҳа ва з-дҳои диг. ҳарбӣ, тракторсозӣ цемент ва корхонаҳои саноати сабук, чӯбгарӣ, хӯрокворӣ, чармгарӣ ва маҳсулоти ҳунармандӣ (махсусан қолинбофӣ) дорад. Дар А. мактабҳои олӣ, Академияи санъати тасвирӣ, консерватория, 6 театр, 2 музей, Китобхонаи миллӣ ва кинотеатрҳо мавҷуданд. Дар ҷанубтари шаҳри кӯҳна қасри президент, оромгоҳи нахустин президенти республика Камол Отатурк ва г. воқеанд.

А. а. 7 то м. дар сари роҳҳои корвонгард буньёд гардид ва маркази савдо буд. А.-ро а. 11 туркони салҷуқӣ ишғол кардаанд. Дар а. 14 маркази маъм. Туркияи усмонӣ буд. Дар муҳорибаи с. 1402 дар назди А. Темур Боязиди I-ро шикаст дод. Пас аз ислоҳоти с. 1864-и Туркия А. маркази вил. Анадолӣ шуд. Аз охири с. 1919 А. маркази ҳаракати миллии озодихоҳӣ. Аз 29 окт. 1923 пойтахти Республикаи Туркия.

АНҚО (ар. عنقاء — симург), 1) асбоби мусиқии нафасии а-ҳои 10—11. А. ба най ва наи ҳафтбанд шабоҳат доштааст. 2) Номи навои мусиқӣ. 3) Маҷозан чизи камьёб ва нодир.

АНҶИБАР, анҷибари атрӣ, гулобӣ, герань (Pelargonium roseum), нимбутта ё буттаи ҳамешасабзест аз *анҷибариҳо*. Дар шароити Тоҷикистон зироати яксола, то 2 м баланд мешавад. Пояи рост ё каме хамидаи сершох, барги думчадори байзашакл (дарозиаш 4—5 см, бараш 5,5—7,5 см), гули гулобии 5-гулбарга, гултӯдаи 2—12-гула дорад. А. растании киштукорист. Ватани оиро Африкаи Ҷануби меҳисобанд. А.-ро чун зироати равғани эфирдеҳ дар Франсияи Ҷануби, Италия, Испания, Ҷануби ШМА, Австрияи Ғарби, Африкаи Шимоли ва Шарқӣ, Мадагаскар, Шри Ланка, Осиёи Ҳурд ва г. парваришу менамоянд. СССР аз ҷиҳати А.-парварӣ дар ҷаҳон ҷои якумро мегирад. Қариб 70%-и равғани А.-и Иттифоқи Советиро РСС Тоҷ. истеҳсол мекунад. А. ба Тоҷикистон с. 1931 оварда шудааст. Асосан навъи маҳаллии А.-и гулобиро менарваранд. Инчунин дурагаи А. С-18 К-4, ки селекционерони Станцияи таҷрибавии минтақавии Пахтаободи ВҲҚ-и Тоҷикистон ба вуҷуд оварданд, парваришу меёбад. Хоҷагиҳои асосии А.-парвории республика к-зи ба номи В. И. Ленин ва «Съезди 20 партия», с-з—з-ди «Эфиронос»-и р-ни Регар ва «Герань»-и р-ни Қумсангир ба шумор мераванд.

А. зироати гарминпарвар, дар хоки сергилу рег хуб месабзад. Тирамоҳ пеш аз кишт ба замин нурии органикӣ андохта, чуқур (27—30 см) шудгор мекунанд. А.-ро бо қаламча зиёд мекунанд. Аз ҳар бехи А. 6—8 қаламча мебурранд ва дар гармхона (дар 1 м² то 500-то) реша мегиронанд. Ҳангоми мусоидии шароит баъди 25—30 рӯзи шинондан 70—80%-и қаламча реша меронад. Кӯчати қаламчаи решадорро дар муддати кӯтоҳ (аз 10 то 20-уми март) ба анҷом мерасонанд. Кӯчатро ба чуқурии 10 см (60 × 45; 60 × 60; 70 × 50 см) мешинонанд. Дар давраи нашви А. 8—14 маротиба об мемонанд. Ба замини ҳосилхезиаш миёна 15—20 т/га нурии органикӣ, 240 кг нурии нитрогенӣ (720 кг/га селитраи аммиак ва г.), 100—120 кг нурии фосфорӣ (700—900 кг суперфосфати 14-фоиза) меандозанд.

Баргу пояи сабзи А.-ро баро истеҳсоли равғани эфир одатан моҳҳои авг.-сент. мегундоранд. Ҳосили умумии баргу пояи сабзи А. дар республика 20053 т (1976) буд.

Сифати равғани эфири А. аз рӯи миқдори гераниол ва цитронеллоли таркиби он муайян карда мешавад. Равғани эфири А.-и гулобӣ 51,8% (дурагаи С18-К-4 51,9%) цитронеллол ва 21,4% (С18-К-4 28,2%) гераниол дорад. Дар республика с. 1976 аз 19646 т баргу пояи сабзи А. 19572 кг равғани эфир гирифтанд. Республика ба ф-кахои атриётии Москваю Ленинград равғани эфир мефиристад.

Зарарасон ва касалии А.: дар шароити республика махсусан кирми макак, карадрина, тортаниккана, кирми ғӯза, нематодаи бузгунҷ, ширинча ва г. ба баргу пояи ва решаи А. зарар мерасонанд. Касалии пахнишудаи А. вилт ва карра ба шумор меравад. Барги растании касал ашҳаби ва пас зард гашта меҳушкад. Решаи пиҳол аз карра мепусад ва растанӣ дар давоми 5—10 рӯз набуд мешавад.

Чораҳои муборизаи: риояи қоидаҳои агротехникӣ, истифодаи немагон (200—300 кг/га), тиозан ё милоп (1—1,4 т/га), карбатиони 0,15—0,5-фоиза (1,5—2 т/га) ва г.

Баъзе намудҳои авлоди Geranium-ро низ «анҷибар» меноманд.

Ад.: Крачковская Л., Алимов Ф., Рекомендации по возделыванию герани в Таджикской ССР, Д., 1967; Хасанов Ф., Герань и сроки ее уборки в Таджикской ССР, «Масло-жировая промышленность», 1969, № 7; Грецингер В. Х., Итоги сортоиспытания герани в Таджикистане, «Субтропические культуры», 1974, № 4. М. Ҳоҷиматов.

АНҶИБАРИҲО (Geraniaceae), оилаи растаниҳои дупалла. Асосан алаф, баъзе намудҳояшон нимбутта ва бутта. Баргҳояшон пешбаргадори

Анҷибар

парра-парра, баъзан паршакли парра-парра, гулҳояшон асосан мутаносиб, хушаранги гулбаргҳояшон бештар сафед ё бунафш кабудтоб. Тақрибан 8 авлод ва 800 намуди А. асосан дар минтақаҳои мўътадил, баъзеашон дар тропикаю субтропика паҳн шудаанд. Дар СССР 3—4 авлод ва зиёда аз 75 намуди А. вомехўранд. Ниг. низ *Анҷибар*.

АНҶИР (Ficus carica), бутта ё дарахтест аз *тутиҷо*. Баландиаш то 15 м, сершох, баргаш калони 3—7-парраи думчанок, меваash мурўдшакл, кулўла ё кулчамонанди зард, сабз, бунафш ва бўр (32—77 г) мешавад. Ватани А. Осиёи Наздик ва Осиёи Хурд, асосан дар ноҳияҳои гарми соҳили б. Миёназамин, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, Туркия, районҳои ҷануби СССР (Закавказия ва Осиёи Миёна) паҳн шудааст. А.-и худрўй дар кўҳистони Ҳисор, Дарвозу Қаротегин ва ғ. дучор меояд. А.-ро дар Тоҷикистон аз замонҳои қадим мепарваранд.

А. ба воситаи қаламча, бехҷаст ва тухм зиёд шуда, аз 2—3 то 50—80-солагӣ ҳосил медиҳад. А. ба сармо тобовар нест, аввали зимистон гўр мекунанд. А. нампарвар буда, дар

Анҷир: 1 — шохчаи мевадор; 2 — буриши гултўда.

заминҳои ҳосилхези сернам нагз месабзад. Иқлими водиҳои Вахш, Ҳисор, Бешкент, вил. Самарқанд ва Бухоро барои парвариши А. мусоиданд. А.-зорро дар заминҳои ҳосилхез ва нишебиҳои офтобрўяи районҳои наздикўҳӣ буньёд карда, ба ҳар га аз руи тартиби 5 × 4 м 500 бехӣ ниҳол мешинонанд. Хоки байни раддаҳои анҷирзорро тирамоху баҳор шудгор карда, 4—6 маротиба об мемонанд; ба ҳар га то 120 кг нитроген, 90 кг фосфор ва 45 кг калий ғизо медиҳанд. Дар республика бештар навъҳои серҳосил ва сармобардори «Вахш», «Кадота», «Далматика», анҷири зард, сиёҳ ва ғ.-ро мепарваранд. Дар Станцияи минтақавии меваҷоти субтропикии Вахш (Колхозобод) навъи А.-и қадпаст расонда шуд, ки серҳосил ва барои гўр кардан қулай аст. А. дар давраи нашв асосан ду маротиба ҳосил медиҳад. Ҳосили якум—анҷири хокӣ (миқдоран кам), моҳҳои июнь-июль ва ҳосили дуюм—анҷири токӣ авг.-сент. мепазад. Аз ҳар бех аз 20 то 100 кг ҳосил мегиранд.

А.-ро дар шакли тар, хушк ва мураббо истеъмол мекунанд, ки хуштаъму серғизост. А.-и тар 12—28%, хушкаш 50—77% қанд, витаминҳои А, B_1, B_2, С, намакҳои минералӣ, моддаҳои пектинӣ ва ғ. дорад. Дар тибби халқӣ реша, шираи тана, барг ва меваи А.-ро дар табобати касалиҳои гуногун истифода мекунанд. Мас., меваи А.-ро давои касалиҳои сил, узви нафас, гурда ва талха меҳисобанд. Дар тибби муосир аз А. барои муолиҷаи барас дору тайёр мекунанд. Ниг. низ *Афғонанҷир*.

Ад.: Розанов Б. С., Плодоводство Таджикистана, Д., 1970; Розанов Б. С., Эшонқулов У. Э., Меваҳои гармдўсти Тоҷикистон, Д., 1973.

У. Э. Эшонқулов.

АНҶИРАКО́Н деҳа дар С. қ. Калинини р-ни Москваи вил. Кўлоб. Терр. к-зи ба номи Киров. Аз А. то марказзи С. қ. 1 км, то район 6 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1165 наф. (1976), тоҷикон. Пункти қабули пахта дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, ғаллакорӣ, боғу токдорӣ, обчакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ ба воситаи кан. Чўбак обьёрӣ мешаваад.

АНҶИРШАФТОЛУ́, навъи шафтолу. Дарахташ хамидашох, 4—5 м баландӣ дорад. Охирҳои март ё аввалҳои апр. гул мекунад. Аз ҳар бехи он 40—120 кг ҳосил мегиранд. Мевааш анҷирмонанд (қутраш 5—10 см), сафед, гулобӣ ё зард, серобу ширин, то 80—100 г вазн дорад. А. дар Осиёи Миёна, аз ҷумла, дар аксари районҳои Тоҷикистон, инчунин дар Эрон, Афғонистон ва Хитой меруяд. А.-ро тару хушк мехўранд, консерв мекунанд. Ниг. низ *Шафтолу*.

АНҶУДО́Н, анғўза, гандабў (Ferula assa-foetida), гиёҳи бадбўи бисьёрсола, мансуби *чатргулон*. Баландиаш то 1,2 м. А. решаи турбшакли ғафс (то 15 см), пояи камшох (қутраш 5—8 см), барги дарози думчадори бехипоягӣ (то 40 см) ва бедумчаи поягӣ, хўшагули чатршакл, гули дучинсаи 5-баргаи зардча, меваи байзашакл дорад. Дар шароити табиӣ аз тухмаш руста, соли 8—9-ум як маротиба гул карда (март—апр.) мева мебандад (апр.—май) ва сипас тамоман нобуд мешавад. Дар Эрону Афғонистон ва СССР: Қазоқистони Ҷанубӣ, Ўзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон (дар доманаҳои қ-кўҳи Қурама, мавзеъҳои дашти Сирдарьё ва Тоҷикистони Ҷанубӣ) вомехўрад. Ҳоло А. гиёҳи нодир буда, ба *«Китоби сурх»* (СССР) дохил шудааст. Шираи появу решаи А. аз

қадим бо номи «ассафетида» (хилтит) дар тибби Шарқу Ғарб маълум аст. Дар тибби кишварҳои Европаи Ғарбӣ онро ҳамчун воситаи муқаввии системаи асаб, давои зиққи нафас, саръ ва ғ. истифода мекунанд. Абўалӣ Сино шилми А.-ро бо омехтаи доруҳои дигар дар муолиҷаи дарди мафосил, фалаҷ, заъфарма, табларза, реши рўда, касалиҳои пўст (шукуфа, пучак, дунбал) ва ғ. истифода бурдааст. Шираи решаи А. кумаринҳои фарнезифероли А, В, С, умбеллиферон, кислотаи ферула, 9,35—65,15% зифт, 12—48% шилм, 5,8—20% равғани эфир ва ғ. дорад. Баргу меваи А. ба миқдори зиёд равғану сафеда дорад.

Ад.: Абуали ибн Сина, Канон врачебной науки, кн. 2, Ташкент, 1956; Флора СССР, т. 1, М.-Л., 1957; Атлас лекарственных растений СССР, 1962; Комаров Б. М., Определитель растений Северного Таджикистана, Д., 1967.

М. Ҳоҷиматов.

АНҶУМА́Н انجمن, конгресс, комитети демократии революционӣ дар давраи *Революцияи Эрон* (1905—11), ки аз байни аҳолӣ интихоб мешуд. А.-ҳои шаҳрӣ, шаҳристонӣ (районӣ) ва вилоятӣ вуҷуд доштанд. Онҳо амалиёти ҳукуматдорони шоҳро дар маҳалҳо назорат, вазифаи судҳоро иҷро намуда, ба тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарӣ ва ғ. назорат мекарданд. Ба нон ва диг. маҳсулот нархи қатъӣ мегузоштанд, бар зидди ҷаллобӣ муборизе мебурданд. Баъди шикасти революция А. барҳам хўрд.

Дар давраи авҷи ҳаракати миллии озодихоҳӣ (1918—21) дар шимоли Эрон А. аз нав ташкил ёфт. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (нояб. 1945—дек. 1946), дар вақти авҷи ҳаракати миллии озодихоҳӣ дар Озарбойҷони Эрон ва дигар музофотҳо А. ҳамчун органи ҳокимияти халқии маҳаллӣ вуҷуд дошт. Роҳбарони А. асосан намояндагони гурўҳҳои демократии аҳолӣ (коргарон, деҳқонон, буржуазияи майда) буданд.

«АНҶУМАНОРО́И НОСИРӢ» انجمن آرای ناصری фарҳанги тафсирии форсист, таснифи Ризоқулихони Ҳидоят, ки с. 1870 ба поён расида-

аст. Дар «А. Н.» зиёда аз 16 ҳазор калимаю ибора ба рисоя тартиби ҳуруфи алифбо ҷой гирифтааст. Мусанниф шакли калимаҳоро бо зикри ҳаракати ҳарфҳо ва калимаҳои ҳамвазн таъйин карда, маъноҳои онҳоро гоҳ мухтасару гоҳ муфассал, бо нишон додани муродифу тазоддҳояшон шарҳ додааст. Зимни тафсири баъзе луғатҳо нисбат ба дигар сарчашмаҳои лексикографӣ назари танқидӣ доштани мусанниф зоҳир шудааст. Ҳар фасли фарҳанг «анҷуман» ва бобҳои дохилиаш «намоиш» унвон гирифтааст. «А. Н.» муқаддимаи муфассал (аз 12—«ороиш»—ҳисса иборат: ороиши аввал дар таҳҳиқи луғати муарраб ва муваллада ва мутафарриқа, дуюм дар тавзеҳи баъзе луғати форсӣ ва арабӣ ва табдилоти онҳо ва г.), ки очерки лексикию грамматикист ва хотимаи муфиде дорад. Дар хотима таркиб, ибора, киноя ва истиороти форсию тоҷики аз рӯи тартиби алифбо ба фаслҳо («нероиш») тақсим гардида, шарҳ ёфта, аз осори устодони сухан шоҳид оварда шудааст. Мас.: Оби оташранг; оби оташзой; оби оташнамой; оби оташсо; оби арғувонӣ; оби шингарфӣ — киноя аз маи лаълфом ва киноя аз ашки хунин. «А. Н.» ба табъ расидааст. (Теҳроп, 1872).

Ад.: فرهنگ انجمن آرای ناصری، طهران، ۱۲۸۸ ه.

Х. Раҷабов.

АОМИН, Макао, мулки Португалия дар соҳили б. Ҷанубӣ Хитой, дар назди резишгоҳи д. Чжуцзян. А. нимҷаз. Аомин, ҷаз-ҳои Тайпа, Колоане ва якчанд ҷаз-ҳои хурдро дарбар мегирад. Масоҳ. 16 км². Аҳол. қариб 290 ҳаз. наф. (1974), асосан хитоиҳо, инчунин португалиҳо. Забони расмии аҳолӣ — португалӣ. Дини давлатӣ — католикӣ. Сокинони А. бештар бо моҳигирӣ, инчунин бо ҳунармандӣ машғуланд. Асоси иқтисодиёташ савдои байналҳалқӣ буда, ба ШМА, Канада, Сянган, Хитой ва Португалия моҳӣ, биринҷ, тамоку, чой, маҳсулоти ҳунармандӣ ва г. мефурӯшад. А. яке аз марказҳои бозори капиталистии хариду фурӯши тиллою тарьёк аст. Маркази маъмуриаш — ш. Аомин. Португалиҳо бори нахуст дар ибтидои а. 16 ба А. омада буданд. А. с. 1951 низомномаи «мулки он тарафи баҳр» и Португалияро гирифт.

Намуди умумии шаҳр ва территорияи Аомин

АОРӢ (юн. қадим — Aorpos), шаҳри қадимаи Бохтар. Таҳрибан дар р-ни Тошқӯрғони ҳозира, соҳили д. Ҳулм (Афғонистон) воқеъ буд. Дар сарчашмаҳое, ки дар бобати юришҳои *Искандари Маҳдунӣ* ба Бохтар (329 то м.) сухан меравад, номбар шудааст. Дар шаҳристонаш урдугоҳи Искандари Маҳдунӣ воқеъ буд.

И. Пьянков.

АОРСҲО (юн. Aorsoi), иттифоқи қабилаҳои *сармат*. Дар бораи А. *Страбон, Птолемей, Плиний, Тацит* маълумот додаанд. Дар солномаҳои хитой чун яньцай маълумоанд. Аввал дар шим. б. Арал ё Хазар маскан доштаанд. Ибтидои а. 2 то м. дар биёбони соҳили ним. б. Хазар ва д. Дон, дар ҷануб то Кавказ паҳн шудаанд. А. чорводорони бодиянишин ва ҷанговар буда, дар тиҷорати байни халқҳои Закавказия, давлати Босфор ва Осиёи Миёна, дар ҷангҳои дохилии Босфор иштироки фаъол доштанд. А. а. 2 м. ба иттифоқи қабилаҳои сармат, ки *аланҳо* сарвари онҳо буданд, дохил гаштанд. Қабристонҳои а-ҳои 4—2 то м. биёбони Оренбург ва Поволжияи Поёнро ба А. нисбат медиҳанд.

АПАТИТ (юн. apatē — фиреб, аксар вақт ба ҷои минерали дигар қабул мешуд), минерал аз гурӯҳи намакҳои фосфати кальций, ки дар таркибаш ҳамеша як миқдор фтор ва хлор низ дорад. Форм. химиявиаш $3Ca_3(PO_4)_2 \cdot Ca(F, Cl)_2$. Системаи кристаллбандиаш гексагоналӣ; кристаллҳояш дарози призматикӣ, баъзан серкунҷа. Рангаш сабзи кабудча, хокистарӣ, бӯр ва г. Сахтиаш 5; зичиаш 3160—3200 кг/м³. А. аз рӯи таркиби химиявӣ ба фторапатит, хлорапатит, гидроксилапатит ва г. тақсим мешавад. А. дар таркиби ҷинсҳои магмавӣ бештар буда, дар ҷинсҳои таҳшин асосан дар шакли фосфоритҳо вомехӯрад. А.-ро барои истеҳсоли нуриҳои фосфат, фосфор ва пайвастҳои он, дар металлургияи сиёҳ ва ранга, саноати кулоли ва шиша истифода мекунанд. Дар ҷаҳон кони калонтарини апатит дар СССР (нимҷаз. Кола) воқеъ аст. Захираи калони он дар конҳои маъдани оҳани Швеция, дар Норвегия, Африкаи Марказӣ ва Шарқӣ низ мавҷуд аст.

АПЕЙРОН (юн. apeiron — беохир, беҳудуд), дар таълимоти файласуфи мактаби милетии Юнони Қадим (нигр. *Мактабҳои фалсафӣ*) Анаксимандр (а. 6 то м.) — нахустмоддаи номуайян ва беохир. Таълимот дар бораи А. дар шакли материализми содда, ҳамчун шарҳи беохирии олами моддӣ назар ба тасаввуроте, ки об (Фалес) ва ҳаво (Анаксимен) нахустмодда шумурда мешуд, қадаме ба пеш буд.

С. Б. Морочник.

АПЕКС дар астрономия (лот. apex — қулла, авҷ), нуқтаи сфераи осмон, ки системаи Офтоб ё ки Замин ба сӯи он ҳаракат мекунад. А.-и ҳаракати солонаи Замин дар гирди Офтоб дар ҳамвории *эклиптика* дар самти нисбат ба сӯи Офтоб қариб амудӣ мехобад. А.-и ҳаракати асрии системаи Офтоб нисбат ба ситорахои наздиктарин дар бурҷи Ҷоси (Геркулес) воқеъ аст. Нуқтаеро, ки дар мадори радифи масиуи Замин аз ҳамвории экватори Замин дар масофаи дуртарин воқеъ гардидааст (ба самти шимол), низ А. меноманд.

АПЕЛЛЯЦИЯ (лот. appelatio · муроҷиат), яке аз шаклҳои шикоят аз болои қарори ба қувваи қонун надаромадаи суд дар мурофиаи ҷиноятӣ ва граждани. Суди болоӣ ба тариқи А. моҳияти қарори суди поёниро тафтиш намуда, бори дуюм далелҳои исботкунандаи дар кор мавҷуд буда ва нав иловашударо санҷида, қарори судро тасдиқ мекунад ё онро бекор намуда, қарори нав мебарорад. А. аз *кассация* бо он фарқ мекунад, ки суди болоӣ ҳангоми кассация қарори нав бароварда наметавонад, балки корро барои аз нав дидан ба суди поёнӣ мефиристонад. А. дар СССР 22 нояб. 1917 бекор карда шуда, шикоят аз болои қарори суд ба тариқи кассация дида мешавад.

С. Р. Раҷабов.

АПЕННИН, нимҷазира дар Европаи Ҷанубӣ, ки дар он қисми зиёди Италия ҷойгир аст. Масоҳ. 149 ҳаз. км². Тӯлаш қариб 1100 км, бараш 130—300 км. Дар Шим. бо ҳамвории Падан ба охир мерасад. Аз Ғ. бо б. Тирреи, аз Ш. бо б. Адриатика, аз Ҷ. бо б. Ион иҳота гардидааст. Рельефаш асосан аз кӯҳҳои начандон баланди Апеннин, теппаҳои наздикӯҳӣ ва пуштакӯҳи вулқонӣ иборат аст. Ҳамвориҳо танҳо минтақаҳои хурди соҳилҳои баҳрро ишғол мекунанд. Дарёҳояш хурданд (Тибр, Арно ва г.). Иқлими А. субтропикии баҳримиёназамини, бешаҳои ҳамешасабзу дуруштбарг (аз ҷумла санавбар, булут) дорад. Аз зироати ғалладона бештар ғандум, ҷуворимакка мекоранд, дар Ҷан. лимӯю афлесун мепарваранд. Нигр. низ *Италия*.

АПЕННИН, кӯҳҳои Апеннин (Appennino; ба забони кельтӣ pen — қулла), системаи кӯҳӣ дар нимҷаз. Апеннин, дар Италия. Аз Шим. Ғ. ба Ҷ. Ш. 1200 км тӯл кашидааст. Кӯҳҳои А. ҷавон, асосан дар давраи пайдоиши кӯҳҳои альпӣ ба вуҷуд омадаанд. Нуқтаи баландтаринаш к. Корно, 2914 м. А. аз рӯи сохти геологӣ ва рельеф ба А.-ҳои Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ тақсим мешавад. А.-и Шимолӣ (Апеннинҳои Лигурия ва Тоскано-Эмилия) асосан аз гил, рег, регсангҳои палеоген ва неоген иборат аст. Ҷариҳояш бисьёр, лаҳжиҳо рӯй медиҳанд. Баландиаш 2165 м (к. Чимоне). А.-и Марказӣ

(Апеннинҳои Умбро-Маркигиано ва Абруццы) қисми аз ҳама паҳнотару баландтарин буда, асосан аз оҳаксангҳои палеоген ва неоген иборат аст. Дар ин ҷо хамиҳои байникӯҳӣ бисьёранд. Доманаи ғарбиаш баъзан рельефи вулқонҳои қадимӣ дорад. Баландиаш 2478 м (к. Ветторе). А.-и Ҷ а н у б ӣ (Апеннинҳои Неаполитания, Лукка ва паҳнкӯҳи Молизе) ба шакли душоха буда, қисми ғарбиаш баландтар; аз оҳаксангҳо таркиб ёфта, карсташ хеле бисьёр; шарқиаш — пасттари паҳн, аз варақсанг, гил, регсангҳо иборат. Баландиаш 2271 м. (к. Серра-Дольчедорме). Дар ғарби А.-и Ҷанубӣ ноҳияи калони вулқонизми қадим ва нав (Везувий, саҳрои Флегрей) воқеъ аст. Аз сарватҳои зеризаминӣ: санги сохтмон, ангишти бӯр, варақсанги битумдор, боксит, гази табиӣ ва нефть ҳаст. Иқлими А. кӯҳии баҳримиёназаминӣ. Ҳарор. миёнаи янв. дар Шим. қариб 0° С, дар Ҷ. то 11° С; июль аз 24 то 28° С. Боришоти солона дар нишебаҳои ғарбӣ 1000—2000 мм (дар А.-и Лигурия зиёда аз 3000 мм), дар нишебаҳои шарқӣ ва хамиҳои байникӯҳӣ 600—800 мм. Аз А. бисьёр дарьёҳо ибтидо мегиранд. Калонтаринашон — Тибр, Арно. Кӯҳҳои А. дар Шим. (то баландии 300—500 м) ва дар Ҷ. (то баландии 600—800 м) боғу токзорҳо, плантацияҳои зайтун, заминҳои корам, баъзан бешаю буттазори баҳримиёназаминӣ доранд. Дар баландии 900—2000 м бешаи омехта (дарахтони булут, санавбар, кастона) ва буттазорҳо воқеанд. Аз 2000—2500 м боло растаниҳои субальпӣ ва альпӣ мерӯянд. Олами ҳайвоноти А. ниҳоят камбағал мебошад.

АПЕРТУ́РА (лот. apertura — равзан), равзани кории *системаи оптикӣ*, ки бо андозаҳои линзаҳо ё диафрагмаҳо муайян карда мешавад. А.-и



к у п ҷ ӣ — купчи α байни шуоъҳои канории дастаи конусии рӯшноии ба системаи оптикӣ дохилшаванда (расм). А.-и а д а д ӣ — бузургии $n\sin\alpha/2$ (n — нишондиҳандаи шикасти муҳит). Дарачаи равшании тасвир ба квадрати А.-и ададӣ мутаносиб аст. *Қобилияти тафриқаи асбобҳои оптикӣ* ба А. мутаносиб аст. Азбаски А.-и ададӣ ба n мутаносиб аст, предметҳои муоинашавандаро аксар дар моеи нишондиҳандаи шикасташ калон ҷой медиҳанд.

АПЛИКА́ТА (юн. Applicata — илова шуда), яке аз координатаҳои декартии нуқта дар фазо. Ниг. *Системаи координатаҳои Декарт.*

АПЛИ́Т (юн. haplóos — оддӣ), ҷинси магмавии равшанранг. Сохташ донадор, асосан аз заррахои хурди кварц, шпатҳои даштии ишқорӣ, баъзан плагиоклазҳо иборат аст. Пайдоиши А. бо ҷинсҳои қаъри замин — гранит, диорит, сиенит ва габбро алоқаманд буда, вобаста ба таркибаш гранит-аплит, диорит-аплит, сиенит-аплит ва ғ. меноманд. А. дар кулолӣ ба кор меравад.

АПО́... (юн. apó — аз), ҳиссачаи калимаҳои мураккаб, ки набудани чизеро (мас., апомиксис), аз чизе пайдо шуданро (мас., апоневроз), аз чизе дуршавиро ифода мекунад.

АПОГЕ́Й (юн. apogeíos — дур аз Замин воқеъ шуда), нуқтаи аз маркази Замин дуртарини мадори Моҳ ва ё радифи маснӯи Замин.

АПОДЕ́ЙКТИКА (юн. apodeiktikos — боэътимод), яке аз мафҳумҳои мантиқи шаклист, ки дониши ҳақиқӣро ба таври мутлақ исботшударо ифода мекунад. Дониши хулосавии дедуктивии ба таври қатъӣ исботгаштаро, ки аз муҳокимаҳои ҳаққонӣ ҳосил мегардад, *Арасту* ба воситаи мафҳуми А. ифода кардааст. Яке аз навъҳои хулосабарории дедуктивӣ — силлогизмро Арасту василаи боэътимоди донишҳои аподиктикӣ (зарурӣ) мешуморад. Дар илми мантиқ барои фарқ кардани муҳокимаҳои зарурӣ — эътиборнок аз муҳокимаҳои эҳтимолӣ (проблематикӣ) ва муҳокимаҳои воқеъ (ассерторикӣ) мафҳуми А.-ро истифода мебаранд. Муҳокимаҳои аподиктикӣ аз муҳокимаҳои модалӣ (яке аз шаклҳои муҳокимаҳои мантиқӣ) бо ҳамин фарқ мекунанд, ки дар онҳо ҳамеша ин ва ё он алоқамандии зарурии предмет, ҳодисаҳо ба воситаи тасдиқ ё рад ифода меёбад. (Мас., «Ғалабаи коммунизм дар тамоми ҷаҳон ногузир аст»). А. дар методология ва мантиқи маърифати илмӣ мақоми махсус ва аҳамияти калон дорад.

Ҷ. Шамсиддинов.

АПОЛЛО́Н (Apollon), дар асотири Юнону Рими Қадим худо; яке аз образҳои мураккаби асотирӣ. Эҳтимол, парастиши А. аз Осиёи Хурд ба Юнон ва аз он ҷо ба Рим паҳн шуда бошад. А. аввал худои қуввахои истеҳсолкунандаи рӯи замин ва ҳомии одамон аз офат ва касалиҳо буд. Тадриҷан ба А. хислатҳои зерро нисбат медодагӣ шуданд: худои шифобахш, пешгӯй, хирад, инчунин ҳомии санъат. Баъдтар ба худои офтоб айният дода мешуд. Асосан дар Дельфа, ҷаз.-ҳои Делос ва Дидима мепарастиданд.

«АПОЛЛО́Н», номи киштиҳои кайҳонии ШМА барои парвози кайҳоннавардон ба Моҳ, инчунин программаи парвози онҳо, ки охири с. 1967 оғоз ёфтааст. Барои парвози «А.» ракетаи барандаи «Сатурн-5» истифода шудааст. «А.» аз ду киштии кайҳонии қӯша (аз ду модул) иборат аст, ки бо ракетаи баранда ба мадори атрофи Замин бароварда, баъд якҷоя сӯи Моҳ фиристода мешаванд. Дар яке аз ин киштиҳо, ки киштии орбиталӣ ном дорад, 3 астронавт ҷой мегиранд ва ҳангоми ба мадори назди Моҳ расидан ду нафари онҳо дар киштии дуюм (киштии фурудой) ба сатҳи Моҳ фуруд меоянд. Массаи умумии «А.» ю муҳаррику захираи сӯзишворӣ то 47 т («А.-17») мерасад. Ба воситаи «А.» қадами одам ба сатҳи Моҳ аввалин маротиба 21 июли 1969 расидааст (Н. *Армстронг* ва Э. *Олдрин* дар «А.-11»). Баъди парвози «А.-17» (7—19 дек. 1972) программаи «А.» анҷом ёфт. Ниг. *«Союз-Аполлон»*.

АПОЛЛО́НИ ПЕРГӢ (Apollonios Pergaios) (а. 3 то м.), математики Юнони Қадим. Асари машҳури ӯ «Буришҳои конусӣ» (ба забонҳои юнонӣ ва арабӣ), то давраи мо расидааст. А. П. аввалин математикест, ки *эллипс*, *парабола* ва *гиперболаро* чун натиҷаи бо ҳамворӣ бурида шудани конуси мудаввар муоина кардааст. Асарҳои ӯ дар пешрафти астрономия, механика ва оптика хизмат карданд.

АПОМИ́КСИС (аз *апо*... ва юн. mixis — омехташавӣ), тарзҳои гуногуни афзоиши ғайричинсии баъзе растанӣ ва ҳайвонот; мазмуни мухтасараш — бордор нашуда ба вуҷуд омадани ҷанин. Ҳангоми А. ҷанин аз *зигота* инкишоф наёфта, бевосита аз тухмҳуҷайраи бордорнашуда (ниг. *Партеногенез*), ё аз ҳуҷайраи проталлий, ҷаниндон ва ё аз ҳуҷайраҳои соматии тухммуғҷа ривоҷ меёбад. А. якчанд хел мешавад: а в т о н о м ӣ (бордор нашуда, ба вуҷуд омадани ҷанин аз эндонутфа); м е н т о р а л ӣ (аз тухмҳуҷайраи бордорнашуда

Аполлони Бельведерӣ.
Ҳайкалтарош Л е о х а р, миёнаи а. 4 то м.

шакл гирифта, аз ҳисоби бордоршавии ҷаниндон, ки эндонутфа аз он ибтидо мегирад, инкишоф ёфтани ҷанин); индуктивӣ — бо таъсири омиле ба таври экспериментали ба вуҷуд овардани А. Дар шакли партеногенез А. дар кирм, мохӣ, ҳашарот, хазандаҳо ва бештар дар растанӣ маълум аст. А. дар селекцияи растанӣ, рӯёнидани тухмии дурагаи ҷуворимакка ва диг. зироатҳо аз гаплоидҳои апомиксӣ, дар богдорӣ ба вуҷуд овардани гуҷуммеваҳои гомозиготӣ ва устувор намудани гетерозис истифода мешавад.

АПО́РИЯ (юн. aporia — душворӣ, таҳайюр), мафҳумест, ки дар фалсафаи антиқа ба масъалаҳои ҳалнашаванда ва душвор ишора менамуд. А.-ҳои *Зенон* (аз Элей, а. 5 то м.) душвориҳоеро баён мекарданд, ки дар сурати эҳтимолияти бисьёрии ашьё ва ҳаракати онҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳаракатро мо дарк мекунем, вале кӯшиши фаҳмидани он гӯё ба душвориҳои ҳалнашаванда меорад. Зенон ин ақидаро дар А.-ҳои «Тири паррон», «Ахиллес ва сангпушт», «Дихотомия» («Дутақсимӣ»), «Давра» зикр кардааст. А.-ҳои Зенон зиддияти ҳама гуна ҳаракатро кушода, дар тараққиёти диалектикаи антиқа ҳиссаи босазое гузоштанд. Аммо аз зиддиятнокии ҳаракат хулосаи хатое бароварда мешуд, ки гӯё ҳаракат вуҷуд надорад. Ин хулосаро Гегель танқид намуда, қайд карда буд, ки ҳама гуна ҳаракат зиддиятнок аст ва ҷисми ҳаракаткунанда дар айни замон ҳам дар ҳамин ҷост ва ҳам нест. Калиди ҳалли душвориҳое, ки дар А.-ҳои Зенон оид ба ҳаракат ифода ёфтаанд, қайдҳои машҳури В. И. Ленин дар *«Дафтарҳои философӣ»* мебошанд; «Ҳаракат моҳияти вақту фазо мебошад. Ду мафҳуми асосӣ ин моҳиятро ифода мекунанд: муттасилӣ (-и беинтиҳо) ва «фосиланокӣ» (= инкори муттасилӣ, яъне *мунфасилӣ*). Ҳаракат ягонагии муттасилӣ (-и вақту фазо) ва мунфасилӣ (-и вақту фазо) мебошад. Ҳаракат зиддият аст, ягонагии зиддиятҳост» (Асарҳо, ҷ. 38, с. 267). Таҳлили А. ҳамчун як навъ ифодаи манфии диалектикаи муносибати мутақобилаи олами реалӣ ва инъикоси он дар тафаккур ба инкишофи минбаъдаи мантиқ ва назарияи дониш таъсири калон гузошт. *С. Морочник.*

АПО́РТ, себи қадимаи тирамоҳии русӣ. Меваашро калон (аз 200—400 г то 1 кг), нордон, сурхи рахш. Навъи сармобардор, ба ҳар гуна шароит тобовар ва серҳосил, ҳар бехаш то 200—400 кг ҳосил медиҳад. А. дар тамоми мамлакатҳои боғдории ҷаҳон паҳн шудааст. Дар СССР асосан дар РСФСР, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон мепарваранд. Бештар хелҳои машҳури серҳосили А.-и сурхак, алмаатой, кубанӣ ва ғ. парвариш карда мешаванд. Дар РСС Тоҷ. (водии Ҳисор ва Ғарм) танҳо А.-и алмаатоиро парвариш мекунанд.

АПОСЕЛЕ́НИЙ (юн. apo — дур ва selene — Моҳ), нуқтаи аз маркази Моҳ дуртарини мадори радифи маснӯи Моҳ ва ё ягон ҷирми кайҳонӣ, ки ҳаракати он нисбат ба Моҳ муоина карда мешавад.

АПОФЕ́МА (юн. apotithemi — як тараф мегузорам), 1) дарозии перпендикуляре, ки аз маркази бисьёркунҷаи мунтазам ба тарафи дилхоҳи он фуроварда шудааст (*а*, расми 1); 2) дар пирамидаи мунтазам—баландии рӯяи паҳлӯӣ (*а*, расми 2).



Расми 1.

Расми 2.

АППАЛА́ЧИ (Appalachian Mountains), системаи кӯҳҳо дар шарқи Америкаи Шимолӣ, дар ҳудуди ШМА ва Канада. Аз Ҷ. Ғ. ба Шим. Ш. 2600 км тӯл кашидааст. Қ-кӯҳҳои асосиаш: қ-кӯҳи Кабуд, к-ҳои Сафед, Адирондак, Сабз ва паҳнкӯҳи Аппалачи. Баландии миёнаи к-ҳои А 1300—1600 м (баландтаринаш қуллаи Митчелл — 2037 м). Самти ҷан. шарқӣ ва шим. аз ҷинсҳои кристаллии палеозой (гнейсҳо, варақсангҳои кристаллӣ, кварцит), ҷан. ғарбиаш аз оҳаксанг ва регсанг таркиб ёфтааст. Иқлими А. аз таъсири уқ. Атлантик парм аст, дар Шим.— мӯътадил, дар Ҷ.— субтропикӣ. Ҳарор. миёнаи янв. аз —12° С дар Шим. то 8°С дар Ҷ., июль мувофиқан аз 18° то 26°С. Боришоти солона — 1000—1300 мм. Зимистони кӯҳҳо сард ва сербарф. Тобистон — сернам ва сербориш. А.-ро бешаҳои паҳнбарг, омехта ва сӯзанбарг пӯшондаанд. Д-ҳои калонтаринаш: Коннектикут, Гудзон, Теннесси. Д-ҳои ҷисми шим. А — кишти-гард. Сарватҳои зеризаминии А.: ангиштсанг, гази сӯзанда, маъдани оҳан, рух, нуқра ва ғ.

АППА́РАТ (лот. apparatus — таҷҳизот), 1) асбоб, таҷҳизоти техникӣ, олат (мас., аппарати телефон); 2) муассиса ё муассисаҳое, ки ба ягон соҳаи идоракунӣ ё ҳоҷагӣ хизмат мерасонанд; 3) ҳайати ходимони ягон ташкилот; ҳайати коркунони муассиса; 4) шарҳу эзоҳ, нишондод ва диг. маълумоти тафсирии асари илмӣ, куллиёт (А.-и илмӣ); 5) усули тадқиқ (мас., А.-и математикӣ).

АППАРА́ТИ ДАВЛАТӢ, системаи органҳое, ки ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатро ба амал мебароранд. Дар маънои васеъ А. д. на танҳо органҳои худи ҳокимияти давлатӣ, балки муҳимтарин воситаҳои ҳокимият, монанди қувваҳои мусаллаҳ, разведка, органҳои ҷазодиҳӣ ва диг. органҳои маҷбуркунӣро ҳам дарбар мегирад. Дар маънои танг А. д. маҷмӯи органҳои иҷроияи ҳокимият мебошанд, ки корҳои ҳаррӯзаи идоракунии давлатро иҷро мекунанд. Дар фаъолияти А. д. структура, вазифа ва тарзу усулҳои кори он, моҳияти синфии давлат ва роли таъриҳии вай ба таври конкретӣ аён мегардад. Вазифаҳои муқаррарии А. д.-и истисморгар аз ҳимояи иҷтиёз ва манфиатҳои синфҳои истисморкунанда иборат аст. А. д.-и социалистӣ дар натиҷаи революция, шикастани А. д.-и буржуазия ба вуҷуд омада, типи принципиаи нави таъриҳии А. д., аппарати аз ҷиҳати ҳайати синфӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ ҳақиқатан халқӣ мебошад. Дар фаъолияти А. д.-и социалистӣ вазифаҳои сохтмони иқтисодиёти нави социалистӣ, ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнати ҷамъиятӣ, нигаҳдории тандурустӣ, тараққии ҳаматарафаи илм ва маданият, тарбияи коммунистии меҳнаткашон, барои пурра қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маишии меҳнаткашон муҳайё кардани шароит мавқеи асосӣ доранд. Вазифаҳои таъмини мудофиа, бехатарии дохилӣ ва берунии мамлакат дар зиммаи А. д.-и социалистӣ мебошад. А. д.-и советӣ ба барпо намудани базаи моддӣ-техникии коммунизм ва инкишофи мунасибатҳои ҷамъияти коммунистӣ бевосита роҳбарӣ мекунад, ба таҷрибаи омма такья намуда, нақшаҳои тараққии минбаъдаи хоҷагии халқро тартиб медиҳад, ба саноат ва х. к., сохтмону нақлиёт, банкҳо, муассисаҳои савдо ва хизмати маишӣ ба аҳолӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ ва ғ. сардорӣ менамояд. Асоси А. д.-и советиро органҳои намояндагии халқ — Совети депутатҳои халқӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо ҳокимияти давлатӣ ва назоратро аз болои ҳамаи муассисаҳои давлатӣ аз поён то боло пурра ба амал мебароранд. Назоратро аз болои фаъолияти қонунии А. д. органҳои прокуратура ва *назорати халқӣ* ба ҷо меоранд. КПСС ва Давлати Советӣ барои такмили А. д. муттасил ғамхорӣ мекунанд.

АППАРА́ТИ КИНОГИРӢ, кинокамера, олати (аппарати) оптикию механикии ба навор бардоштани (бо фосилаи якхелаи вақт) тасвири пайдарпаи объект (кинокадрҳо), ки он барои офаридани кинофильм истифода мешавад. Навъҳои гуногуни А. к. барои ба навори 70 мм бардоштани фильмҳои васеъформат; ба навори 35 мм бардоштани фильмҳои муқарририю васеъэкран; ба навори 16 мм бардоштани фильмҳои хроникавӣ, телевизионӣ, илмӣ, таълимӣ ва фильмҳои ҳаваскорон ва ба навори 8 мм ё 2×8 мм бардошта шудани фильмҳои таълимӣ ва фильмҳои ҳаваскорон таъин шудаанд.



Расми 1. Схемаи принципиалии аппарати киногирии оинавизир: 1 — объективи суратгиранда; 2 — обтюратори оина; 3 — линзаи ҷамъкунанда; 4 — оина; 5 — лупаи мушоҳида (визир-лупа); 6 — кассетаи лентадор; 7 — чархаки дандонадори лентакаш; 8 — нимҳалқаи боло; 9 — равзани кадрнамо; 10 — канали лентагузар; 11—механизми ҳаракати фосиланоки навор; 12 — нимҳалқаи поён; 13 — чархаки дандонадори нигаҳдорандаи лента; 14 — кассетаи холӣ.

Қисми оптикии А. к.-ро объектив (барои дар қабати рӯшноиҳассоси кинонавор пайдо кардани тасвири объект) ва системаи визирӣ (барои мушоҳидаи объект ва ҷустуҷӯи мавқеи дурусти А. к. нисбат ба объект) ташкил медиҳад.

Қисми механикии А. к. аз механизми лентакаш, ки ҳаракати наворро аз кассетаи пур ба кассетаи холӣ ва механизми ҳаракатовар, ки ҳаракати фосиланоки наворро таъмин мекунад, инчунин аз обтюратор иборат аст. Ҳар як А. к. бо олоти ёрирасон, аз ҷумла сарлӯла (насадка)-и наворгирии фильмҳои васеъэкран, светофильтрҳо, нишондиҳандаи метражи навор, тахометр ва ғ. ҷиҳозонида мешавад.

Расми 2. Аппарати киногирии ватанӣ (70-КСК) барои суратгирии муштараку суръатноки фильмҳои васеъформат ба навори 70 мм.

АППАРАТИ КИНОПРОЕКЦИОНӢ, (аз *кино* ва лот. projectio — ба пеш партофтан), аппаратест барои ба экран проекция кунонидани кинофильмҳо. Элементҳои асосии А. к.: механизми лентакаш (ҳаракати кинонаворро таъмин мекунад); кассетаҳои лентадеҳ ва лентагир; системаи равшанкунии проекционӣ (барои равшан кардани экран ва проекция кардани тасвир дар он); олати тачдиди садо; системаи бо энергия таъмин ва идора кардани кори аппарат. Дар А. к. навор бо ёрии механизми лентакаш фосиланок ҳаракат мекунад. Ҳангоми аз кадр ба кадр гузаштан роҳи сели рӯшноиро пешгираки махсус — обтюратор менӯшад. Обтюратор бо механизми ҳаракати фосиланок ҷӯр шуда кор мекунад, дар натиҷа фосилаҳои бо басомади муайян ҳаракат кардани кадр барои тамошобин ноаён мемонад. А. к. стационарӣ ва сайёр мешавад. А. к.-и стационарӣ барои проекция кардани кинофильмҳои ба лентаи 35 мм (муқаррарӣ ва васеъэкран) ва 70 мм (васеъформат) сабткардашуда таъин шудааст. Ғайр аз ин, барои намоиши фильмҳои панорамӣ, стереоскопӣ ва ғ. А. к.-и махсус истеҳсол карда мешавад. А. к.-и сайёрро одатан дар дастгоҳҳои сайёри кинонамоишдиҳӣ (автомашинаҳои кинои сайёр) истифода мебаранд. А. к., ки барои намоиши фильмҳои ҳаваскорон таин шудааст, фильмҳои беовози ба навори 8 мм сабтшударо намоиш медиҳад.

АППАРАТИ КИПП, асбоби лабораторӣ барои аз моддаи сахт бо таъсири моеъ ҳосил кардани газ. А. К.-ро с. 1860 дорусози голландӣ П. С. Кипп ихтироъ кардааст. А. К. аз се зарфи шишагии курашакл иборат аст. Зарфҳои мобайнӣ ва поёнӣ байни ҳамдигар пайваст карда шудаанд, аз миёни онҳо найчаи дароз, ки зарфҳои



якум ва сеюмро васл мекунад, мегузарад. Ба кураи мобайнӣ, ки найчаи газгузари ҷумакдор дорад, моддаи сахт (мас., ҳангоми ҳосил кардани гидроген — рух) ва ба кураи болоӣ моддаи моеъ (мас., кислотаи сероби гидрогенхлорид) рехта мешавад, ки он зарфи поёниро пур карда, ба зарфи мобайнӣ мегузарад ва бо моддаи сахт ба реакция медарояд. Гази ҳосилшуда аз найчаи ҷумакдор гирифта мешавад. Агар ҷумак маҳкам бошад, газ моеъро аз зарфи мобайнӣ газиқ дода, дур мекунад ва реакция қатъ мегардад.

АППАРАТИ ПАРИШ, василаи парвози идорашаванда дар атмосферaи сайёра (Замин) ё фазои Кайҳон. А. п.-ро барои ҳамлу нақли одамон ва бор, корҳои х. қ., сохтмон, тадқиқоти илмӣ, корҳои ҳарбӣ ва ғ. истифода мебаранд. А. п. атмосферӣ ва кайҳонӣ мешавад. А. п.-и атмосферӣ, дар навбати худ, ду навъ мешавад: аппаратҳои вазнинтар аз ҳаво ва сабуктар аз ҳаво.

Ба А. п. қувваҳои ҷозибаи сайёра ва диг. ҷирмҳои осмонӣ ва ҳангоми дар атмосфера парвоз кардан, инчунин қувваи муқовимати муҳит таъсир мекунанд. Таъсири ин қувваҳо бо қувваи болобардор ва қувваи кашиши А. п. бартараф карда мешавад. Қувваи болобардор ва қувваи кашиш инчунин барои идораи А. п., яъне барои таъсир додани бузургию самти суръат ва мавқеи А. п. дар фазо истифода мешавад. Қувваи болобардор дар асоси принципҳои аэростатикӣ, аэродинамикӣ ва газодинамикӣ (реактивӣ) ба вуҷуд оварда мешавад. Қувваи кашиши А. п.-ро винти ҳавоӣ ё муҳаррики реактивӣ ба вуҷуд меорад, винтро бошад, муҳаррики поршенӣ ё газотурбинӣ ҳарч мезанонад.

Муҳаррикҳои реактивӣ ба муҳаррикҳои реактивии ҳавоӣ ва ракетӣ ҷудо мешаванд. Мавриди бо воситаи винт ва муҳаррики реактивии ҳавоӣ ба вуҷуд овардани қувваи кашиш ба сифати моддаи корӣ гази атмосфера (ҳаво) истифода мешавад. Моддаи кории муҳаррики ракетиро дар худи А. п. ҷойгир мекунанд. Аз ин сабаб истифодаи муҳаррики ракетӣ дар А. п.-и ҳам атмосферӣ ва ҳам кайҳонӣ имконпазир аст.

А. п.-и сабуктар аз ҳаво (*аэростат, дирижабль* ва ғ.). Қувваи болобардори ин қабил аппаратҳо ба принципи аэростатикӣ (ниг. *Ҳавопаймо*) асос ёфтааст. Аэростат фақат қувваи болобардорро инкишоф дода метавонад; ҳаракати уфуқии вай танҳо бо таъсири шамол имконпазир аст. Аммо дирижабль винти ҳавоӣ дорад, ки қувваи кашишро инкишоф дода, ба ҳаракати пешравии он имкон медиҳад.

Аппарати кинопроекционии намоиши фильмҳо аз навори 8 мм.

А. п.-и **вазнинтар аз ҳаво** *(самолёт, планёр, вертолёт,* винтбол ва ғ.). Қувваи болобардори ин қабил аппаратҳо ба принципи аэродинамикӣ (дар мавридҳои алоҳида ба принципи газодинамикӣ) асос ёфтааст. Навъи маъмултарини А. п.-и вазнинтар аз ҳаво самолёт мебошад. Қувваи болобардори онро асосан қанот инкишоф медиҳад. Лоиҳаҳои самолётҳои бо суръати гиперсадо парвозкунанда низ мавҷуданд, ки қувваи болобардори онҳоро асосан танаашон инкишоф медиҳад. Қувваи кашиши самолётҳо ба воситаи муҳаррикҳои поршенӣ, газотурбинӣ ё реактивии ҳавоӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Мумкин аст, ки дар самолётҳои ояндаи гиперсадо муҳаррикҳои ракетӣ ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд овардани қувваи кашиш истифода шаванд. Дар вертолётҳо қувваи болобардор ва қувваи кашиш бо воситаи винти баранда инкишоф дода мешавад.

Самолётҳое низ мавҷуданд, ки қувваи болобардорро бо истифодаи винти ҳавоӣ, инчунин муҳаррикҳои реактивӣ инкишоф дода, амудӣ парвоз кардаю нишаста ва дар ҳаво муаллақ истода метавонанд.

Аппаратҳои париши кайҳонӣ *(станцияи автоматии байнисайёравӣ, радифи масниӯи Замин, киштии кайҳонӣ* ва ғ.), аппаратҳое мебошанд, ки барои парвозҳои кайҳонӣ таъин шудаанд. А. п.-и кайҳонӣ асосан аз чунин қисмҳои автономӣ: ракетаи стартӣ, киштии мадорӣ ё байнисайёравӣ ва аппарати фурудой таркиб меёбад. Ракетаи стартӣ ба А. п. суръати мадорӣ мебахшад. Ракетаро бо тағйир додани бузургӣ ва самти қувваи кашиши муҳаррикҳои ракетӣ, агар сайёра атмосфера дошта бошад, инчунин бо рульҳои (сукконҳои) аэродинамикӣ идора мекунанд. Киштии мадорӣ ё байнисайёравӣ бо муҳаррикҳои ракетӣ идора карда мешавад. А. п.-и кайҳонӣ пеш аз фурудой бо муҳаррики ракетӣ тормоз дода мешавад. Агар сайёра бе атмосфера бошад, муҳаррики А. п. то лаҳзаи нишаст истифода мешавад. Дар сайёраи атмосферадор барои суст кардани ҳаракати А. п. қувваи аэродинамикиро низ истифода мебаранд. Дар муддати кӯтоҳи инкишофи техникаи кайҳонӣ аппаратҳои гуногуни париш: станцияҳои автоматии байнисайёравӣ, киштиҳои кайҳонӣ барои парвозҳои дуру наздик ва нишасти нарм ба сатҳи Моҳ, радифҳои масниӯи Замин ва ғ. сохта шуданд. Лоиҳаҳои чунин аппаратҳои париши кайҳонӣ низ мавҷуданд, ки ба монанди самолёт паридаю нишаста метавонанд. Ниг. низ *Авиация, Кайҳоннавардӣ.* *А. Ҳочиев.*

АППАРАТИ ТЕЛЕГРАФ, аппарати ирсол ва қабули ахбори телеграфӣ (бо сим ё радио). Бо ёрии А. т. сигнали электрикии телеграфӣ аз як станция ба станцияи диг. фиристода мешавад. Аввалин телеграфи электромагнитиро олими рус П. Л. Шиллинг ихтироъ кард (1832). Дар робитаи телеграфии ҳозира бештар аппаратҳои чап истифода мешаванд (ниг. *Алоҳа*). Ин қабил аппаратҳо телеграммаро дар навор ё варақи коғаз бо ҳарфҳои чопӣ сабт мекунанд.

А. т. соате аз 500 (аппарати Морзе) то 2600 калима мефиристад.

Аппарати советии СПТ-2М маъмултар аст. Аппарати СТ-35 аппарати электромеханикӣ буда, намуди зоҳириаш мошинкаи чопии чорқаторарро мемонад. Барои ирсоли тасвири саҳифаи газета аппаратҳои фототелеграф таъин шудаанд.

АППАРАТИ ТЕЛЕФОН, таҷҳизоти барои ирсол ва қабули нутқ дар ягон масофа. Телефонро Г. Белл ихтироъ кардааст (1876).

Қисмҳои асосии А. т.: *микрофон, телефон,* микротелефон, трансформатор, рақамчин (барои телефони станцияи автоматӣ), васлаи фашанги, занг, индуктор (барои телефони коммутатори), шнур. Дар микрофони А. т. лаппишҳои садо ба лаппишҳои электрикӣ табдил дода мешаванд. Телефон баръакс, лаппиши ҷараёни тағйирёбандаро ба лаппишҳои садой табдил медиҳад. Ниг. низ *Видеотелефон.*

АППАРАТИ ТУХМАФШОН, қисми кории тухмпошак. А. т.-и ғалтакӣ, дискӣ, дискию ячейкадор ва ғарғаравӣ бештар паҳн гаштааст. А. т.-и ғалтакӣ аз ғалтаки ба наварди даврзананда шинондашуда, розетка ва муфта иборат аст. Дон ба воситаи ғалтаки даврзананда аз тухмгузар ба сошник гузашта, баъд ба раддаҳо мерезад. А. т.-и ғалтакиро одатан барои кишти ғандум, ҷав, сулӣ, ҷавдор, лӯбиё, нахӯд, чормағзи заминӣ, чигит ва ғ. истифода мебаранд. А. т.-и дискӣ аз дӯли устувонашакл, инъикоскунак ва теладиҳак иборат аст. Барои кишти тухмии сара ба диски тухмпош накладка мегузоранд. Тухм бо ёрии теладиҳак ба сошник ва нас ба радда мерезад. А. ғ.-и дискӣ бештар барои кишти чоркунҷаи тоқа-тоқа ва қаторӣ истифода мешавад. А. т.-и дискию ячейкадор аз дӯли тухмандоз, диски ячейкадор, кронштейн, ролики теладиҳанда, лапарча иборат аст. Ячейкаи ба таври амудӣ ҷойгиршудаи диски даврзананда бо дон пур мешавад. Инъикоскунак донро аз қисми болоии диск тоза кунад, теладиҳак аз ячейкаи диск ба тухмгузар мегузаронад. А. т.-и дискию ячейкадор барои яктой кишитани чигит, лаблабу, чуворимакка ва ғ. истифода мешавад. А. т.-и ғарғаравӣ аз павардча ва парраҳо иборат аст. Ғарғара давр гашта, тухмро аз сӯрохии қуттии тухмандоз ба тухмрез тела медиҳад. Ҳангоми кишти тухмҳои душворпошхӯранда ба зери қуттии тухмандоз омехтакунак мешинонанд. А. т.-и ғарғаравӣ барои кишти тухми алаф, сабзавот, рехтаи нурӣ ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

АППАРАТИ ШИРҶӮШӢ, аппарати механикии ширчӯшӣ. Аз рӯи сохт А. ш.-и истаконаш як ё дукамера ва аз рӯи принципи ширчӯшӣ дутакта (дар хорича ва СССР) ё сетакта (дар СССР) мешавад.



Қисмҳои асосии корӣ (ниг. расм): 4 истакони ширчӯшӣ (1), коллектор (2), пульсатор (3), сатили шир (4). Қисмҳои асосии корӣ бо ду ғулбаи резинӣ (бо якумаш ба истакон ҳаво, бо дуюмаш аз истакон ба сатил шир меравад) ба ҳам пайваст шудаанд. Процесси кори А. ш.-и истаконҳояш яккамера дар ду такт (макиш ва дамгирӣ), дукамерадор дар се такт (макиш, фишордиҳӣ ва дамгирӣ) мегузарад. Цикли тактҳо дар 0,5—1,0 сон. ба анҷом мерасад. Дар А. ш. пульсатор вакуумро доимиро ба тағйирёбанда табдил диҳад, коллектор вакуумро ба тартиб оварда, ширро ба сатил ҷамъ менамояд. Дар СССР бештар А. ш.-и дутактаи ДА-3М «Волга» ва сетактаи ДА-2 «Майга» истифода мешавад. Вазни А. ш. 7,8—8,6 кг.

АППАРАТУРАИ ЗИЛЗИЛАСАНҶӢ, ҷиҳозоти сабти лаппишҳои қабати замин, бино ва иншоот ҳангоми зилзилаҳои табиӣ ва сунъӣ. Лаппишҳои сейсмикиро асосан ба воситаи раққосакҳо сабт мекунанд. Вобаста ба усули сабти лаппиш А. з. механикӣ, оптикӣ, электронӣ, магнитӣ ва ғ. мешавад. Маъмултарин асбоби сабти механикии лаппишҳои сейсмикӣ *сейсмограф* аст.

АППЕНДИКС (лот. appendix — замима, овеза), кирмрӯда, овезаи кирмшакли кӯррӯда. Дар одам дарозиаш 1—28 см, ҷутраш 4—5 мм мешавад. Бештар газак гирифта, боиси *аппендицит* мегардад.

АППЕНДИЦИТ, газаки кирмрӯда *(аппендикс);* асосан аз таъсири микробҳо ба вуҷуд меояд. Ангезандаи А. ба кирмрӯда бевосита аз рӯда ба во-

ситаи хун ё лимфа ворид мешавад. А. шадид ва музмин мешавад. А.-и шадид шаклҳои катаралӣ (назлаӣ), римнок, флегмони (дабиланок), инфильтративӣ (иртишоӣ), гангренавӣ (окилавӣ) ва перфоративӣ (шикофанда) дорад А.-и перфоративӣ хавфнок аст. Дар натиҷаи он деворои кирмрӯда сӯрох шуда, фасод ба дарунӣ шикам рехта, ҷароҳат сироят мекунад. Аломати аввалини А.-и шадид нохост ва беист дард кардани шикам аст, ки дар аввал ҷои онро муайян кардан душвор мебошад. Минбаъд чунин дард дар биқини рост ҳам ҳис карда мешавад. Ранги бемор меканад, дилаш беҳузур мешавад, қай мекунад, набзаш тез, ҳарораташ якбора баланд (то 37,5—38° С), мушакҳои тарафи рости шикам таранг, лейкоцитҳои хунаш зиёд мешаванд.

А.-и музмин рецидивӣ (такроршаванда) мешавад, ки бештар аз вайроншавии кори меъдаю рӯда сар мезанад.

Муолиҷа: бо роҳи ҷарроҳӣ дур кардани кирмрӯда.

АППЕ́РЦЕПЦИЯ (лот. adpercepio — дарк намудан), хусусияти асосии рӯҳии инсон, ки дар асоси донишу андӯхтаи вай барои дарки олами беруна ёрӣ мерасонад. А.-ро олими немис Г. Лейбниц (1646—1716) ба илм дохил кардааст. Шахс ҳодисаҳоро аз рӯи синну сол, маълумот, таҷрибаю дониш ва аҳволи иҷтимоии худ дарк менамояд. А. доимӣ ва муваққатӣ мешавад. А.-и доимӣ ба ҷаҳонбинӣ ва эътиқод, А.-и муваққатӣ ба ҳолати рӯҳии инсон вобаста аст.

АППИА́Н (Appianos) (с. тав. номаълум, Искандария — ваф. с. 70 а. 2), муаррихи Рими Қадим, аслан юнонӣ. Ба ҳуқуқи граждании Рим соҳиб ва дар он сокин шуд. Муаллифи «Таърихи Рим» (аз таъсиси шаҳр то ибтидои а. 2) ба забони юнонӣ. Мақсади асосии асар: талқини бузургии империяи Рим, воҷибии ҳукми римиҳо бар дигар халқҳо. Асар аз 24 китоб иборат буда, муносибатҳои Римро бо дигар халқҳо нишон додааст. Китобҳои 18—24 то ба замони мо нарасидаанд, китобҳои 6—9 ва 11—17 пурра ва аз китобҳои диг. порчаҳо боқӣ мондаанд. Асар бисьёр воқеаҳои реалии таърихиро дарбар мегирад. Масъалаи маъхази асар баҳсталаб аст А. тарафдори мутлақият буд, вале роли ғуломонро дар муборизаи сиёсию граждани нишон додааст.

АППО́Н, деҳа дар С. қ. Ошобаи р-ни Ашти вил. Ленинобод. Маркази к-зи ба номи Калинин. Аз А. то маркази С. қ. 20 км, то район 35 км. Нақлиёташ автомобилӣ. Аҳол. 1518 наф. (1976), ӯзбекҳо ва тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, пункти тиббию акушерӣ, шӯъбаи алоқа, кассаи амонатӣ, филиали комб. хизмати маишӣ (сартарошхона, цехи дӯзандагӣ, ҳаммом), чойхона, нонвойхона, магазин дорад. Сокинони А. бо пахтакорӣ, кирмакдорӣ, чорвою боғдорӣ ва ғаллаю шоликорӣ машғуланд. Заминҳо аз сои Ошоба, Каналӣ Шимоли Фарғона ва пармачоҳҳо обьёрӣ мешаванд.

АППРОКСИМА́ЦИЯ (лот. approximo — наздик мешавам), иваз кардани ягон объекти математикӣ бо объекти дигар, ки ба ин ё он маънӣ ба объекти аввал наздик аст. Аксар хатҳои каҷро бо хатҳои шиканда, ададҳои иррационалиро бо ададҳои рационалӣ, функцияҳоро бо бисьёрузваҳо то саҳеҳии матлуб А. мекунанд. Мас., функцияи $f(x)$-и дар интервали (a, b) бефосиларо бо бисьёрузваи алгебравӣ ва ё тригонометрии $P(x)$ то саҳеҳии муайян метавон А. кард. Саҳеҳии ифодаи тақрибии функцияи $f(x)$-ро максимуми қимати мутлақи фарқи $f(x)$ ва $P(x)$ ифода мекунад, яъне $\rho(f, P) = \max [f(x) - P(x)]$. Роли А. дар математикаи муосир торафт калон шуда истодааст. А.-ро чун мафҳуми асосии математика шуморидан мумкин аст. Ниг. *Наздиккунӣ ва интерполиронии функцияҳо.*

АПРАКСИ́Я (аз юн. аргахіа — карахт), вайроншавии ҳаракат ва фаъолият дар натиҷаи осеб дидани қисмҳои гуногуни қишри майна. А. ҳангоми варам, илтиҳоб ва нармшавии қисмҳои майна мушоҳида мегардад. Вобаста ба ҷои осебдида А. фазоӣ, кинестетӣ, оралӣ, динамикӣ ва ҷабинӣ мешавад.

Муолиҷа: бартараф кардани сабаби пайдоиши А.

АПРОБА́ЦИЯ (лот. approbatio — тақдир кардан, тасдиқ намудан), тадқиқи навъҳои зироати тухмӣ, дурага ва ниҳолҳои мева бо мақсади муайян намудани сифати навъҳо, қобили истифода будани ҳосили онҳо ва риояи қоидаҳои тухмипарварӣ. А. дар СССР чорачӯии давлатӣ буда, мувофиқи дастури ВХҚ СССР аз тарафи комиссияҳои махсуси Управлениятҳои х. қ.-и районҳо, муассисаҳои тадқиқоти илмӣ, хоҷагиҳои тухмӣ ва ниҳолпарварӣ бо иштироки агроном — апробатор гузаронида мешавад. Мувофиқи дастури ВХҚ барои ҳар як зироат усули махсуси А. муқаррар карда шудааст. Ҳангоми А. фоизи софии навъро аз тухми алафҳои бегонаю музир, касалию зараррасонҳои киштзор, дараҷа ва сифати ҳосилро муайян намуда, натиҷаҳои тафтишот дар акти махсус қайд карда мешавад. А.-и киштзори ғалларо ҳангоми ширухамирии хӯша, пахтаро пеш аз ҷамъоварӣ, сабзавот, картошка ва юнучҳаро ҳангоми гул, дарахти меваро баъди пухтан ва токро пеш аз ҳосилгундорӣ мегузаронанд.

Ад.: Инструкция по проведению апробации сортовых посевов. М., 1968.

АПРОБА́ЦИЯИ ЗОТ, тасдиқи зоти ҳайвонот аз тарафи Коллегияи ВХҚ СССР. А. з.-ро комиссияи экспертии ВХҚ СССР мегузаронад. Дар асоси материалҳои кори комиссия Коллегияи вазорат қарор қабул карда, оид ба тасдиқи зот фармон мебарорад.

АПТЕ́ Ҳарӣ Нараян (8. 3. 1864, Берар — 3. 3. 1919, Пуна), нависанда ва маорифпарвари ҳиндӣ. Ба забони маратҳӣ менавишт. С-ҳои 1890—1918 маҷаллаи «Карамнук» («Хушвақтӣ»)-ро нашр мекард, ки дар он қариб ҳамаи роман ва мақолаҳои А. чоп шудаанд. А. муаллифи 21 роман аст, ки 11-тои он ба таъриҳи ватанаш бахшида шудаанд. Силсилаи «Воқеаҳои муосир» дигар асарҳои А.-ро дарбар гирифтааст. Орзуи нависанда дар асарҳояш дар фикру ақидаҳои қаҳрамононаш — зиёиёни пешқадам ифода ёфтааст. Ба А. эҷодиёти В. Скотт таъсир гузоштааст.

АПУЛЕ́Й (Apuleius) (тав. қариби 124, Мадавра, Африкаи Шимолӣ — с. ваф. номаълум), нависандаи Рими Қадим. Дар Карфаген ва Афина таҳсили илм намуда, муддате дар Рим зиста ва пас аз бозгашт ба ватан ҳамчун нотиқ шӯҳрат ёфтааст. Ба забони лотинӣ ва юнонӣ менавишт. То ба мо романи «Метаморфозаҳо дар XI китоб» (инчунин бо номи «Хари тилло» машҳур аст), «Апология ё Нутқ дар ҳимояи худ аз тӯҳмати ҷодугарон», «Флоридаҳо» — маҷмӯаи порчаҳои нутқ ва муншаоти пуртакаллуфаш омада расидаанд. Дар романи «Хари тилло» тарзи маишат ва урфу одати музофоти Рими а. 2 инъикос ёфтааст. Дар китоб 11 новеллаи иловагие ҳаст, ки аз онҳо афсонаи Амур ва Психея хеле машҳур аст ва чандин бор аз тарафи шоирону нависандагони баъдинаи мамлакатҳои гуногун танзим ва таҳрири нав шудааст. Бисьёр сюжетҳои романи А.-ро Ҷ. Боккаччо, М. Сервантес, Г. Филдинг ва диг. дар асарҳои худ истифода бурдаанд.

АПШЕРО́Н (шакли тағьирьёфтаи оби ширин), нимҷазира, интиҳои шарқии Кавказ дар ҳудуди РСС Озарб.; 60 км ба дохили б. Каспий тӯл кашидааст. Бараш то 30 км. Сатҳаш ҳамвори теппадор. Баландии теппаҳо 50—165 м. Вулқонҳои лойфишон, кӯлҳои шӯр, чашмаҳои минералӣ дорад. А. бо конҳои нефту газ машҳур аст. Иқлими А. субтропикии хушк, зуд-зуд шамолҳои сахт мевазад. Хокаш бӯри дорчинранг. Набототаш нимбиёбонӣ. Ковил, ҷорубак ва растаниҳои лӯбиёгӣ меруяд. Дар заминҳои обьёришаванда токдорӣ, обчакорӣ ва зироати полизӣ ривоҷ ёфтааст. Дар А. ш. Боку ва курортҳои табобатӣ воқеанд.

АР (лот. area—масоҳат), воҳиди масоҳат дар системаи ченакҳои метрӣ, ба 100 м² баробар аст. 1 га = 100 ар.

АРАБА́К, ҳалқаест, ки аз садафу марҷон ва фулузи қиматбаҳо месозанд. А.-ро ба бинӣ меовезанд. Дар байни баъзе қабилаҳо, аз ҷумла лӯлиҳо, занҳиҳо, ҳиндуҳо расм мебошад. Мардуми баъзе маҳалҳои То-

чикистон низ ба бинӣ А. меовезанд ва онро лати бинӣ ҳам меноманд. Арабҳо онро хазома мегӯянд. Лекин А.-овезӣ бо мурури замони аз байн рафта истодааст.

АРАБИСТОН, нимҷазира (ар. جزيرة العرب — Ҷазират-ул-Араб), калонтарин нимҷазираи Осиё. Дар Ғ. Баҳри Сурх, дар Ҷ. хал. Адан ва б. Араб, аз самти Ш. хал-ҳои Уммон ва Форс иҳота кардаанд. Масоҳ. қариб 3 млн км². Хатти соҳилҳояш рост. Аз ҷиҳати рельеф, сохти геологӣ нимҷаз. А. як қисми платформаи қадими Африкаю Арабистон мебошад. Дар охири палеоген ва давраи неоген ҳамин

Кӯҳҳои наздиМакка.

Баҳри Сурх онро аз Африка ҷудо кард. Нимҷаз. асосан аз варақсанг-ҳои кристаллии архей ва аз ҷинсҳои гранитӣ таркиб ёфтааст. Дар ноҳия-ҳои калони боқимонда ин ҷинсҳоро қабатҳои тунуки оҳаксанг ва регсанг пӯшондаанд. Кафидаҳои тектоникии охири неогену аввали давраи чорумин, инчунин пайдо шудани вулқонҳои гунбазмопанд шакли рельефро тағйир додаанд. Дар нимҷаз. А. массиву паҳнкӯҳҳои баландиашон 1000—2000 м, дар Ҷ. кӯҳҳои канории Асир ва Яман (баландиаш 3600 м), дар Ш. пастиҳо (Ал-Ҳасо, баландиаш камтар аз 200 м) воқеанд. Қариб дар тамоми нимҷаз. А. биёбонҳои регзору санглох (Рубъ-ул-Холӣ, Даҳна, Нуфуди Калон ва ғ.) доман паҳн кардаанд. Соҳилҳои хал. Форс конҳои калони нефту газ дорад. Иқлимаш тропикии хушк, дар Шим. субтропикӣ. Ҳарор. янв. аз 14° С то 24,8° С, июль то 33,4° С; аз ҳама баландтараш 55° С. Боришоти солонаи минтақаи тропикӣ 100 мм. Дар Ҷ. Ғ. ба сабаби вазидани бодҳои мавсимӣ боришоти солона то ба 700—900 мм мерасад. Дар кӯҳсор оби равон, дар қисми марказии ноҳияи Нӯҷд чашмаҳои карстӣ ва обҳои зеризаминӣ бисьёранд. Дар баландии 1500 то 1800 м писта, дарахти зайтун, буттазори ҳамешасабз, дар воҳаҳо хурмо, қаҳва, дарахтони меваҳо, гандум, ҷав, ҷуворимакка, арзан ва ғ. мерӯянд. Дар терр. нимҷаз. А. қисми ҷануби Ироқ, Кувайт, Арабистони Саудӣ, Республикаи Ямани Араб, Республикаи Халқии Демократии Яман, Уммон, Масқат, Уммони Аҳдӣ ва Қатар ҷо гирифтаанд.

АРАБИСТОНИ САУДӢ, шоҳии Арабистони Саудӣ المملكة العربية السعودية

Маълумоти умумӣ. А. С.— давлат дар Ҷ. Ғ. Осиё. Тахмиҳан ⅔ ҳиссаи нимҷаз. Арабистон ва ҷазираҳои Баҳри Сурх ва хал. Форсро дарбар мегирад. Дар Шим. бо Урдун, Ироқ, Кувайт, дар Ҷ. ва Ҷ. Ш. бо Республикаи Ямани Араб, Республикаи Халқии Демократии Яман, Уммон, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб, дар Ш. бо Қатар ҳамсарҳад аст. Масоҳ. зиёда аз 2,1 млн км² (аз рӯи маълумоти солномаи Демографии ТДМ, 1972), аз рӯи дигар маълумотҳо масоҳ. А. С. аз 1,6 то 2,4 млн км²-ро (сарҳадҳои А. С. дар Ҷ. ва Ҷ. Ш. аниқ муайян нашудааст) ташкил медиҳад. Аҳол. 8,6 млн наф. (1977). Пойтахташ — Ар-Риёз (аҳол. 390 ҳаз. наф., 1977). А. С. ба 4 музофоти маъмурӣ — Ҳиҷоз, Асир, Нӯҷд ва Шарқӣ тақсим мешавад.

Сохти давлатӣ. А. С.— ҳокимияти мутлақ. Шоҳ дар як вақт ҳам сарвазир, ҳам сарфармондеҳи қуввахои мусаллаҳ мебошад; вай ҳайати ҳукумат (Совети Вазирон)-ро ташкил карда, мансабдорони олии давлатиро таъин мекунад. Ҳукумат лоиҳаҳои қонунро тартиб медиҳад, шартнома ва аҳдномаҳои байналхалқӣ баста, иҷрои онро назорат мекунад. Доир ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, иқтисодиёт, молия қарорҳо қабул карда, органҳои маъмурии давлатиро ташкил медиҳад. Сардори музофот губернатор аст, ки онро ҳам шоҳ таъин мекунад. Ба системаи судӣ судҳои маҳаллӣ ва судҳои олии шариатӣ ва судҳои апелляционӣ (шикоятӣ) дохиланд. Мурофиаи суд дар асоси аҳкоми Қуръон ва шариат гузаронида мешавад.

Табиат. А. С.-ро аз Ҷ. Ғ. Баҳри Сурх, аз Шим. Ш. хал. Форс иҳота кардааст. Сатҳи А. С. асосан пуштакӯҳ буда, ҳар ҷо-ҳар ҷо рельефаш кӯҳӣ аст. Дар Ғ. баландии кӯҳҳо аз 2500 м зиёд мешавад. Қисми зиёди масоҳати он биёбони регзор: дар Шим.—Нефуди Калон, дар Ш.—Нефуди Хурд ва дар Ҷ. Ш.— Рубъ-ул-Холӣ. Воҳаҳо низ ҳастанд. Дар атрофи Баҳри Сурх пастии Тиҳома, қад-қади хал. Форс пастии Ал-Ҳоса воқеъ гаштааст. Дарьёҳои доимӣ нестанд. Сарвати муҳимтарини зеризаминӣ—нефть. Конҳои тилло, маъдани оҳан, мис, сурб, барит, намаксанг, гач, абрақ ва ғ. ҳастанд. Иқлими А. С. дар Шим.—субтропикӣ, дар Ҷ.—тропикӣ, дар қисми зиёди мамлакат—континентӣ. Ҳарор. миёнаи июль дар ҳама ҷо, ғайр аз ноҳияҳои кӯҳӣ, аз 30° С зиёд, баъзан то 54° С мерасад. Ҳарор. миёнаи янв. дар Шим. мамлакат 10° С, дар Ҷ. то 48° С гарм, аммо дар Шим. баъзан то — 11° С ҳунук мешавад. Боришоти солона аз 100 мм зиёд нест. Набототаш— биёбонӣ ва нимбиёбонӣ (явшон, нахӯдак ва ғ.). Дар воҳаҳо аҷоқиё, нахл ва дарахтони мева мерӯянд. Аз ширхорон оху, гӯрхар, шаҳол; аз паррандаҳо кабк, бедона, дуғдоғ вомехӯранд ва хояндаю хазанда (сусмор) ва малаҳҳои гуногун бисьёранд.

Аҳолӣ. Зиёда аз 85% аҳолӣ арабҳоанд. Инчунин эронӣён, ҳабашҳо, ҳиндиён ҳастанд. Дини асосӣ — ислом (мазҳаби ваҳҳобия). Забони давлатӣ—арабӣ. Қариб нисфи аҳолӣ бодиянишин. Аҳолии мукимӣ дар соҳилҳои Баҳри Сурх ва хал. Форс, дар паҳнкӯҳи Нӯҷд ва Ҳиҷоз, дар воҳаю нишебиҳои кӯҳ зиндагӣ мекунад. Ш-ҳои калон: Ар-Риёз, Макка, Мадина, Ҷидда, Бурайда, Ҳуфуф.

Маълумоти таърихи. Дар А. С. аз давраҳои қадим (ҳазорсолаи 2 то м.) қабилаҳои арабҳои бодиянишин зиндагӣ мекарданд. Дар а. 7 м. дар қисми ғарбии он (дар Ҳиҷоз) дини ислом ва аввалин давлати мусулмонии теократӣ — Хилофати Араб ба вуҷуд омад. Шаҳрҳои Макка ва Мадина барои мусулмонҳо ҷои муқаддас гардиданд. Дар а-ҳои 7—8 қисми зиёди ҳудуди ҳозираи А. С. ба Хилофати Умавиён, а-ҳои 8—9 ба Хилофати Аббосиён тобеъ буд. Дар а-ҳои 10—12 дар як қисми ҳудуди нимҷаз. Арабистон салтанатҳои мустақил ташкил ёфтанд. Ҳиҷоз, ки қаламрави Фотимиён ва баъд Айюбиён буд, аз миёнаи а. 13 то ибтидои а. 16 тобеи Мамлукҳо шуд. Дар ибтидои а. 16 Ҳиҷоз ба тасарруфи империяи Усмонӣ даромад. Нӯҷд (Арабистони Марказӣ) асосан ҳамчун аморати мустақил боқӣ монд. Дар нимаи 2-юми а. 18 дар ин ҷо мазҳаби динию сиёсии мусулмонон — ваҳҳобия ба вуҷуд омад, ки то ибтидои а. 19 дар зери байраки он тамоми Арабистон ба давлати феод. ваҳҳобиён Саудиҳо (сулола дар А. С. аз 1746 ҳукмрон) муттаҳид шуд. С-ҳои 1811—18 қисми зиёди нимҷаз. Арабистонро қӯшунҳои подшоҳи Миср Муҳаммад Алӣ забт карданд. С. 1902 амир Ибни Сауд аморати ваҳҳобиҳоро дар Нӯҷд барпо намуд. С-ҳои 1920—25 Ибни Сауд Шаммар, қисми Асир ва Ҳиҷозро ба Нӯҷд ҳамроҳ кард. 16 февр. 1926 СССР давлати навро ба расмият шинохт. Дар давраи ҳозира А. С. бо СССР ва мамлакатҳои социалистӣ муносибати дипломатӣ надорад. Янв. 1927 Ибни Сауд (1927—53 ҳукмронӣ кардааст) ба Ҳиҷоз, Нӯҷд ва вилоятҳои ҳамроҳшуда подшоҳ шуд. Аз с. 1932 давлат А. С. ном гирифт. С. 1934 дар натиҷаи ҷанг бо Яман А. С. муваффақ шуд, ки тамоми Асир ва қисми Нӯҷдро ба ҳайати ҳуд дохил кунад. Аз с-ҳои 30-юми а. 20 ба А. С., ки дар ҳудуди он конҳои нефти дорои аҳамияти ҷаҳонӣ мавҷуданд, капитали хориҷӣ сар даровард. С. 1933 монополияҳои нефти америкоӣ барои кофтукови нефть ва истеҳсоли он дар қисми зиёди мамлакат концессия гирифтанд (истеҳсоли саноатии нефть аз с. 1938 сар шуд). Монопо-

лияҳои америкоӣ «Стандарт ойл компани оф Калифорниа» барои аз конҳои нефти А. С. истифода бурдан ширкати дугона — «Калифорниа арабиен стандарт ойл компани» ташкил карданд (аз с. 1943 «Арабиен америкэн ойл компани»— Арамко). Арамко қариб 90% нефти А. С.-ро ба дасти худ гирифт: истеҳсоли нефть бо суръат афзуд (с. 1938 67 ҳаз. т ва с. 1976 428,7 млн т). А. С. аз ҷиҳати истеҳсоли он дар байни мамлакатҳои капиталистӣ ба ҷои 2 (баъди ШМА) баромад. Арамко аз нефти А. С. даромади калон гирифта, то с. 1950 ба ҳукумати ин мамлакат фақат 10% ва аз с. 1963 50% даромади умумиро медодагӣ шуд. Мувофиқи созишномаи байни А. С. ва Арамко дек. 1972 ба А. С. 25% акцияи ҳамин ширкат дода шуд. Таъсири ҳарбӣ ва сиёсии ШМА дар А. С. зиёд гардида (махсусан с-ҳои 40—50-ум), дар Заҳрон базаи ҳарбии ҳавоии америкоӣ барпо шуд.

Ҳукумати А. С. аз фурӯши нефть даромади калон гирад ҳам, қисми зиёди онро доираҳои ҳукмрон аз худ мекунанд, дар мамлакат муносибатҳои феодалӣ ҳукмфармо буда, дар баъзе районҳо муносибатҳои авлодию қабилавӣ ва ғуломдорӣ (1962 расман бекор карда шуданд) боқӣ монда буданд.

Аз миёнаҳои с-ҳои 50-ум дар А. С. ҳаракати демократӣ ва зидди империалистӣ авҷ гирифт. Синфи коргари А. С. барои беҳтар намудани аҳволи иқтисодии худ, барои демократикунонии ҳаёти мамлакат ба мубориза бархест, ки корпартоии нефтчиёни Арамко (с. 1953) ба он шаҳодат медиҳад. Шоҳ Сауд, ки баъди вафоти Ибни Сауд с. 1953 ба сари ҳокимият омад, барои берахмона пахш намудани ҳар як баромади зидди тартиботи подшоҳӣ қонун баровард. Душворӣ ва зиддиятҳо дар тараққиёти иқтисодӣ, шиддат ёфтани вазъияти сиёсии дохилӣ боиси он гардиданд, ки с-ҳои 1958—62 дар дохили сулолаи ҳукмрон мубориза рафт. 2 нояб. 1964 Сауд аз тахт афтид, ба ҷои ӯ Файсал ибни Абдулазиз ас-Сауд шоҳ эълон шуд. Ҳукумати Файсал ба аъёну ашрофи сармоядор ва буржуазияи миллӣ такья карда, дар соҳаи иқтисодиёт, маорифи халқ як қатор ислоҳот гузаронд.

Нигоҳ доштани сохти феодалии мутлақи теократӣ мақсади асосии ҳукумати А. С. мебошад. Дар мамлакат фаъолияти партияҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳо манъ аст. Аз сабаби дар нимҷаз. Арабистон ва аз ҷумла дар минтақаи хал. Форс авҷ гирифтани ҳаракати миллии озодихоҳӣ А. С. тамоми қувваро ба ташкил намудани иттифоқи давлатҳои мутлақи ҳамин ноҳия равона кард. Ҳукумати А. С. сиёсати «бетарафии мусбат»-ро эълон карда бошад ҳам, ба ҷанги граждании Яман мудохила намуда, монархистонро тарафдорӣ ва суиқасдҳои аъёну ашрофи Яманро бар зидди сохти демократии РХДЯ дастгирӣ кард. А. С. с. 1966 яке аз ташаббускорони асосии барпо намудани ташкилоти давлатҳои мусулмон (ба ном муоҳидаи Ислом) гардид. Баъди сар шудани таҷовузи давлати Исроил бар зидди мамлакатҳои араб А. С. с. 1967 ба мамлакатҳои гирифтори таҷовуз — Миср ва Урдун ёрии пулӣ расонд. Ҳангоми сар задани ҷанг дар Шарқи Наздик окт. 1973 А. С. ба Миср ва Сурия ёрии бебозгашт расонд. А. С., ки сардори гурӯҳи мамлакатҳои нефтьистеҳсолкунандаи араб аст, моҳҳои окт.-дек. истеҳсоли нефть ва фурӯши онро ба мамлакатҳои ҳомии Исроил кам, ба ШМА ва Нидерланд фурӯши нефтьро муваққатан бас кард. Марти 1975, баъди кушта шудани шоҳ Файсал, ба ҷои ӯ бародари хурдиаш Холид ибни Абдулазиз ас-Сауд шоҳи А. С. эълон шуд.

Хоҷагӣ. А. С. аз ҷиҳати иқтисодӣ мамлакати қафомондаи аграрӣ буда, дар он муносибатҳои феодалию боқимондаҳои сохти қабилавӣ бо муносибатҳои капиталистӣ омехта гаштаанд. А. С. аз ҷиҳати захираи нефть дар байни мамлакатҳои капиталистӣ яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Тақрибан 92%-и даромади мамлакат аз нефть аст (зиёда аз 4,9 млрд долл. дар с. 1973). Қариб тамоми саноати нефть дар дасти монополияҳои америкоӣ мебошад. Каму беш тилло, нуқра, маъдани оҳан, мис ва ғ. истеҳсол мешавад. Саноати коркарди нефть, ғайр аз саноати нефть аз корхонаҳое иборат аст, ки ба ин соҳа хизмат мерасонанд. Ҳунарманди ва косибӣ хеле ривоҷ ёфтааст.

Х. қ., ки дар он тақрибан 75% аҳолӣ кор мекунад, дар с. 1973 ⅓ талаботи мамлакатро ба ҳуроквори таъмин кард. Соҳаи асосии х. қ. чорводорист. С. 1972 А. С. 3,6 млн сар бузу гӯсфанд, 1 млн сар шутур, 0,4 млн сар чорвои калони шохдор дошт. Майдони умумии кишт камтар аз 1%-и замини А. С.-ро ташкил дода, 40% он барои чарогоҳ истифода мешавад. Дар музофоти Асир ва воҳаҳо деҳқонӣ инкишоф ёфтааст: гандум, ҷав, ҷуворимакка, ҷуворӣ, шолӣ ва сабзавот кошта, дарахти нахл, қаҳва, меваҳои цитрусӣ, анор, анҷир, бодом ва ғ. мепарваранд. Моҳидорӣ низ тараққӣ кардааст. Аз баҳр марворид, марҷони сиёҳ, каҳрабо гирифта мешавад. Тӯли р. о. Ар-Риёз — Даммом 580 км, Даммом — Ал-Харҷ


АРАБИСТОНИ САУДӢ
201 0 201 402 км
Аммон
Бадана
Чавф
Сакона
Таймо
Хойл
Бурайда
Ал-Вачх
Хайбар
Анайза
Янбаъ
Медина
Ад-Дуводами
АР-РИЁЗ
Ал-Хиляа
Хараз
Мувайх
УДДА
МАККА
Тоиф
Лайла
Ал-Убайла
Ас-Сулайил
Ал-Кунфида
Абха
Абосаид
Яман
САНЪО
Хуҳайда
Массава
ЭФИОПИЯ
ПОРТ-СУДАН
Ал-Кувайт
Бушир
Бандари Аббос
Даммом
Манама
Даҳҳ
Абу-Даби
Абу-Заби
Маскат
Ҳалиҷи Уммон
Ҳалиҷи Форс
БАҲРИ АРАБ
ҲАЛИҚИ ДЕМОКРАТИИ ЯМАН
Аден
Ҳалиҷи Аден
Ҳалиҷи Бахрейн
Ҳалиҷи Ҳурмуз
Ҳалиҷи Оман
Ҳалиҷи Аммон
Ҳалиҷи Ҳурмуз
Ҳалиҷи Ҳурмуз
Ҳалиҷи Ҳурмуз

35,5 км, роҳҳои мошингард 14,5 ҳаз. км, аз ҷумла, 9,6 ҳаз. км асфальтпӯш. Аэродромҳои асосӣ — дар Ҷидда, Ар-Риёз ва Заҳрон. С. 1973 бандари нави баҳрӣ дар Ҷидда ба кор андохта шуд.

Зиёда аз 96%-и экспортро нефть ва маҳсулоти нефть, боқимондаро гази моеъ, пӯст, хурмо, моҳии хушк, пахта ва г. ташкил мекунад. Аз хориҷа мошин, таҷҳизот, озуқавори, масолеҳи бинокорӣ, газвор, либос оварда мешавад. А. С. бо Япония, Британияи Кабир, ШМА, Италия, Нидерланд, РФГ, Франция, Лубнон, Австралия хариду фурӯш дорад. Воҳиди пул — риёли саудӣ.

Матбуот, радио, телевизион. С. 1974 дар А. С. газетаҳои зерин ба забони арабӣ чоп мешуданд: «Ал-Билод» (البلاد — аз 1934), «Ан-Надва» (الندوة — аз 1958), «Ал-Мадинат-ул-Мунаввара» (المدينة المنورة — аз 1937), «Ар-Риёз (الرياض — аз 1964). Бюллетени «Ньюс фром Сауди Арабиа» (News From Saudi Arabia), ки органи Вазорати ахборот аст, ба забони англисӣ (аз 1961) мебарояд.

Радиошунавонӣ аз с. 1948 сар шудааст. А. С. дорои 3 радиостанцияи давлатӣ (дар Ҷидда, Ар-Риёз ва Даммом) аст. Хабарҳо ба забонҳои арабию англисӣ ва барои шунавандагони хориҷӣ ба забонҳои урду, индонезӣ, форсӣ ва суахилӣ шунавонида мешаванд. Телевизион аз с. 1965 амал карда, 7 станция дорад.

Маориф ва маданият. С. 1926 доир ба таълими ҳатмии ибтидоӣ ва мактабҳои давлатӣ (мактабҳои хусусӣ ҳам вуҷуд доранд) қонун қабул карда шуд; с. 1960 дар бораи таълими ҳатмии духтарон низ қонун қабул гардид, омӯзишгоҳҳои педагогии занона таъсис ёфтанд, с. 1964 дар бораи кушода шудани донишкадаҳои олии занона қонун баромад. Таълими ибтидоӣ — бепул. Доир ба маҳви бесаводӣ гурӯҳҳои махсус амал мекунанд. Бо вуҷуди он дар с. 1972 82% аҳолӣ бесавод буд. Фарзандони бодиянишинон ба мактаб намераванд. Таълими ибтидоӣ аз 6-солагӣ сар мешавад. Мактаби ибтидоӣ 6-сола, мактаби миёна аз 2 зина иборат аст: мактаби миёнаи нопурра (3 сол) ва мактаби миёнаи пурра (3 сол). Таълими писарбачагону духтарон алоҳида аст. Соли хониши 1972/73 дар мактабҳои ибтидоӣ 475 ҳаз. ва дар мактабҳои миёна зиёда аз 118 ҳаз., дар мактабҳои касбӣ-техникӣ 14,3 ҳаз., дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ 3,1 ҳаз. наф. талаба таҳсил мекард. Мактаби фельдшерӣ-акушерӣ, техникуми рассомӣ, мактаб ва омӯзишгоҳҳои х. қ. низ ҳастанд. Ин-ти педагогӣ ва Ин-ти муаллимони спорт, коллеҷҳои мардона ва занона кадрҳои педагогӣ тайёр мекунанд.

Калонтарин донишкадаҳои олӣ: Ун-ти Ар-Риёз (таъсисаш 1957), Ун-ти Абдулазиз дар Ҷидда (1967), Ун-ти тадқиқи дини ислом дар Мадина (1961), Ин-ти олии технологӣ ва Ин-ти техникӣ дар Ар-Риёз, коллеҷи нефть дар Заҳрон. Калонтарин китобхонаҳо: Китобхонаи Миллӣ (таъсисаш 1968), Китобхонаи Сауд, Китобхонаи Ун-ти Ар-Риёз, Китобхонаи Маҳмудия, Китобхонаи Ориф Ҳикмат, Китобхонаи Ун-ти Мадина.

Ад.: Беляев Е. А., Арабы, ислам и арабский халифат в раннем средневековье, М., 1965; Луцкий В. Б., Новая история арабских стран, М., 1968; Прошин Н. И., Саудовская Аравия, М., 1964; Беляев И. П., Бодянский Л. В., Лазарев М. С., Саудовская Аравия после Сауда, М., 1967.

АРАБМУҲАММАД عرب محمد (с. тав. ва ваф. номаълум), хони Хева (1602—23). Писари хурдии Ҳочи Муҳаммадхон. Дар аҳди салтанати А. ба Хева қалмоқу қазоқҳо якчанд ҳуҷуми бебарор карданд. Парокандагии феодалӣ авҷ гирифт. Мулки ҳар як шоҳзода дар асл мустақил буд. С. 1623 барои ҳокимият байни А. ва писаронаш Элбарс ва Ҳабаш мубориза бархост. Дар ҷанг А. маглуб гардид ва ба ҳабс гирифта шуд. Писаронаш чашмони А.-ро кӯр карда, аз тахт рондаанд. *А. Мухторов.*

АРАБХОНА, деҳа дар С. қ. Носири Хисрави р-ни Шаҳртуз, вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи Тельман. Аз А. то маркази С. қ. 3 км, то район 16 км. Нақлиёташ автомобилӣ. Аҳол. 3433 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, пункти тиббӣ, кинотеатри тобистона, клуб, китобхона, магазин, боғчаи бачагона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳои обьёрӣ мешаванд.

АРАБШИНОСӢ, маҷмуи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, ки таърих, иқтисодиёт, забон ва маданияти халқҳои арабро меомӯзад. А. ҳамчун илми мустақил дар Европа дар охири а. 16 ба вуҷуд омад. Дар даҳсолаҳои якуми а. 19 мактаби мустақили А.-и рус ташкил ёфта, дар солҳои Ҳокимияти Советӣ тараққӣ кард. Дар инкишофи А.-и рус Х. Д. Френ, И. А. Медников, В. Ф. Гиргас, В. Р. Розен, А. Е. *Крымский*, И. Ю. *Крачковский* роли муҳим бозиданд. Пайдоиш ва инкишофи мактаби советии А. бо номи И. Ю. Крачковский зич алоқаманд аст. Ӯ Европаро бо адабиёти нави араб шиносонида, як қатор масъалаҳои асосиро доир ба адабиёти классикии араб, алоқаи маданияти арабро ба адабиёт ва маданияти халқҳои СССР муайян кардааст. Халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик, аз қадимулайём, асосан аз а. 7 м. ба маданияти араб шавқу рағбат зоҳир мекунанд. Дар шаҳрҳои тоҷикнишин аз а-ҳои 9—10 доир ба омӯхтани маданияти араб марказҳои илмӣ ба вуҷуд омада буданд. Савияи рисолаҳои илмие, ки ба маданияти араб бахшида шудаанд, хеле баланд буд; ба ин асари Абӯрайҳони *Беруни* «Осор-ул-боқия» мисол шуда метавонад. Олимони Осиёи Миёна дар омӯхтани забони арабӣ, таърихи кишварҳои араб, адабиёти илмӣ ва бадеии он саҳми калон гузоштаанд. Азбаски забони араби баробари забони форсӣ забони асосии мусулмонии Шарқ ба ҳисоб мерафт, бисёр олимони асрҳои миёнаи форс-тоҷик офарандагони маданияти араб буданд. Абӯрайҳони Беруни, Ибни Сино, Хоразмӣ, Фарғонӣ, Абузайди Балхӣ ва дигарон ба забони арабӣ бисёр асарҳо таълиф кардаанд.

Соҳаи алоҳидаи А. синкретизми адабиёти тоҷику арабро меомӯзад, чунки бисёр олимону адибон ҳам ба забони арабӣ ва ҳам ба забони модарии худ эҷод мекардаанд. Мактаби А. дар Тоҷикистон с-ҳои 50, замоне, ки дар АФ ва Ун-ти давлатии Тоҷикистон марказҳои илмӣ ва илмию педагогӣ ташкил шуданд, ба вуҷуд омад. С. 1958 дар як вақт шӯъбаи шарқшиносии АФ РСС Тоҷ. ва кафедраи забонҳои Шарқ бо шӯъбаи филологияи араб ташкил шуд. Ҳозир сектори мамлакатҳои Шарқи араби Ин-ти шарқшиносии АФ ва кафедраи забони арабии Ун-ти Тоҷикистон амал мекунанд. Дар республика доир ба забон ва адабиёти араб китобҳои дарсӣ ва таҳқиқӣ нашр шудаанд.

Ад.: Крачковский И. Ю., Очерки по истории русской арабистики, Избр. соч., т. 5, М.-Л., 1958; Шарбатов Г. Ш., Арабистика в СССР, М., 1959.

В. П. Демидчик.

АРАБҚИШЛОҚ, деҳа дар С. қ. Ҳонободи р-ни Исфара, вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Свердлов. Аз А. то С. қ. 2 км, то маркази район 7 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1038 наф. (1976), тоҷикону ӯзбекҳо. Мактаби 8-сола, клуб, магазин, пункти тиббӣ, ноҳвойхона, цехи оҳакпазӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, чорводорӣ, шолию сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Исфара обьёрӣ мешаванд.

АРАБҲО [(худ ал-араб ғӯянд) (العرب)], гурӯҳи халқҳои қадимаи сомӣ, ки макони аввалааашон нимҷаз. Арабистон буд. Ба *забони арабӣ* гуфтугу мекунанд. Маъноии калимаи «араб» дар тӯли асрҳо борҳо дигар шудааст. Аз нуқтаи назари этимология калимаи сомӣ буда, «биёбон» ё сокини биёбон — «бадавӣ»-ро мефаҳмонад. Таърихи қадимаи арабҳо кам омӯхта шудааст ва ҳар маълумоте, ки дастраси мо гардидааст, аз сарчашмаҳои Ошур, Юнон, Рим, инчунин аз катибаи Набатия пайдо шудаанд. Адабиёти то ислом, ривоятҳои дини мусулмонӣ, инчунин асарҳои муаррихони араб дар бораи А. маълумот медиҳанд. Аҷдоди А. дар ҳудуди Яман сокин буданд. Генеологҳои араб онҳоро «араб-ул-байда» меномиданд, ки аз онҳо «араб-ул-ариба» (арабҳои асил, ки онҳо дар районҳои ҷанубӣ сокин буданд) пайдо шудааст. Намояндагони охирини ин нажод «араб-ул-мустаъриба» ва ё «араб-ул-мутаарриба» мебошанд, ки онҳо аз ҷануб

барои пайдо кардани чарогоҳҳо ба Арабистони Марказӣ ва Шимолӣ омадаанд. Қабилаҳои шеҳраи охирин дини исломро кабул карда, а. 7 дар нимҷаз. Арабистон дар зери байраки он муттаҳид шуданд ва ба самти Ш. ва Ғ. ҳаракат намуданд. Баъди як аср А. хилофати худро ташкил карданд, ки он аз уқ. Атлантик ва нимҷаз. Пиреней дар Ғ., то Анатолия (Осиёи Хурд) дар Ш. тӯл мекашид. Дар нимаи якуми а. 13 баъди аз тарафи мӯғулҳо забт шудани Бағдод— пойтахти сулолаи охирини *Аббосиён*, хилофати А. пурра сарнагун шуд. Дар ҳудуди он баъдҳо якчанд давлат барпо гардид. С. 1492 насрониён охирин аморати мусулмонӣ дар нимҷаз. Пиреней — Гренадаро забт карданд. Дар нимаи якуми а. 16 терр.-и арабнишин ба ҳайати *империяи Усмония* дохил шуд. Охири а. 19 ва ибтидои а. 20 мамлакатҳои араб дар зери таъсири Британияи Кабир, Франция ва Италия буданд. Муборизаи халқии озодихоҳона аввал ба муқобили туркҳо, баъд бар зидди сиёсати мустамликадорони Европа омили асосии ташаккули худшиносии А. гардид.

А. аз замонҳои қадим, алалхусус аз а-ҳои 7—8 бо халқҳои Осиёи Миёна алоқаи мустаҳкам доштанд. Як қатор муаллифони сарчашмаҳо хотиррасон мекунанд, ки дар Осиёи Миёна кабилаҳои А.-и ҷанубӣ — ҳамьериҳо зиндагӣ мекардаанд. Як қатор қабилаҳои арабнажод ҳоло ҳам дар Осиёи Миёна (вил. Бухоро, Қашқадарьё ва қисман дар Самарқанд) сокинанд. Дар ҳудуди Тоҷикистон қабилаи алоҳидаи А.-и Сурия дар р-ни Шаҳртуз иқомат доранд. Онҳо забони худро гум карда, асосан бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ гуфтугӯ мекунанд.

Ад.: Беляев Е. А., Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье, М., 1966. *М. Ҳусейнзода.*

АРАБҲО, деха, маркази С. қ. Саричашмаи р-ни Москва, вил. Кӯлоб. Терр. с-зи ба номи Жданов. Аз А. то марказ и район 82 км. Нақлиёташ автомобили. Ахол. 407 наф. (1976), ӯзбекҳо. Деха клуб ва китобхона дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан чорводорӣ. Сокинони А. аз оби чашма истифода мебаранд.

АРА́В Илья Моисеевич (тав. 1909, киш. Калинин, р-ни Калинини вил. Херсон), зоотехники советӣ, доктори илмҳои биология (1967), аъзои Правленияи шӯъбаи тоҷикистонии ҷамъияти умуминиттифоқии физиологҳо. Аъзои КПСС аз с. 1948. А. с. 1927 мактаби миёнаи махсуси х. қ. ва с. 1932 фак-ти зоотехникии Ин-ти х. қ.-и Херсонро хатм намуда, с-ҳои 1932—37 зоотехники калони с-зи ба номи Артёми р-ни Константиновои вил. Сталин, 1938—41 аспиранти Ин-ти умуминиттифоқии чорводории Москва, 1941—44 мудири шӯъбаи чорвои калони шохдори Станцияи таҷрибавии чорводории Тоҷикистон, 1944—48 ходими калони илмии Ин-ти тадқиқоти илмии чорводории Тоҷикистон ва аз с. 1948 мудири шӯъбаи физиологияи ҳайвоноти ҳамон ин-т аст. Тадқиқотҳои бештар аз 35-солаи ӯ имконият дод, ки омилҳои физиологии сермаҳсул гардонидани қутос, гӯсфандони помирӣ, дарвозӣ, қарокӯлӣ, ҳисорӣ ва говҳои ҷойдорӣ дар амал ҷорӣ карда шаванд. Аз с. 1967 ходимони илмии Ин-ти тадқиқоти илмии чорводории Тоҷикистон бо роҳбарии А. проблемаи дар минтақаҳои баландкӯҳ парвариш кардани гӯсфандони маҳинпашм ва тавсифоти морфологӣ-физиологии зоти нави гӯсфандони тоҷикиро тадқиқ менамоянд. А. доир ба ин масъалаҳо бештар аз 70 асари илмӣ таълиф кардааст. А. бо ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

Ас.: Обмен веществ и дыхание у местных пород овец Таджикистана в условиях равнин и малых высот, «Тр. Таджикской НИИСХ», т. 3, Д., 1967; Кровь и ее дыхательная функция у овец в горах, «Тр. Таджикской НИИСХ», т. 5, Д., 1973.

АРА́ГО (Arago) Доминик Франсуа (26. 2. 1786—2. 10. 1853, Париж), астроном, физик ва ходими давлатии франсавӣ, аъзои АФ Париж (1809). Дар Мактаби политехникии Париж таҳсил кардааст. С-ҳои 1809—31 проф. он мактаб ва аз с. 1830 котиби АФ ва директори расадхонаи Париж буд. Аз рӯи нишондоди ӯ У. Леверье ҳаракати комунтазами сайёраи Уранро таҳлили математикӣ кард, ки бояи кашфи сайёраи Нептун гардид, И. Физо ва Л. Фуко суръати рӯшноиро ҳисоб карданд ва бори аввал суратҳои Офтобро гирифтанд. А. дар соҳаҳои астрономия, оптика, электромагнетизм, метеорология тадқиқоти бисьёр дорад; бо полярископи ихтироъкардаи худ поляризацияи рӯшноиро тадқиқ кард; бори нахуст аз пӯлод магнити сунъӣ сохт; робитаи байни фачри қутбӣ ва талотуми магнитиро муқаррар кард.

АРАГО́Н (Aragon) Луи (тав. 3. 10. 1897, Париж), нависанда ва ходими сиёсии Франция. Аз с. 1927 аъзои Партияи Коммунистии Франция. Аъзои КМ ПКФ аз с. 1954. Иштирокчии ҷанги якуми ҷаҳонӣ. Эҷодиёташ аз с. 1917 оғоз ёфтааст. Дар ибтидои с-ҳои 20 ба ҷараёни дадаизм ва сонитар ба сюррелизм ҳамроҳ буд. Муносибати эҷодиёти А. ба реализм пайваста афзуда, Иттифоқи Советӣ барои ӯ рамзи олами нав мегардад (достони «Фронти сурх», 1931; маҷмӯаи ашъори «Ура, Урал!», 1934). Дар силсилаи романҳои «Олами воқеӣ» (1934—51) А. синфи коргарро қувваи бузурги миллат меҳисобад. Дар с-ҳои истилои гитлерӣ А. ҳамчун ташкилотчӣ ва таргибкунандаи Ҳаракати Муқобилат ба арсаи муборизаи баромада, дар интишори газетаи махфии «Летр Франсез» иштирок кардааст. Дар маҷмӯаи шеърҳои «Корд ба устухон» (1941), «Чашмони Эльза» (1942), «Паноптикум» (1943), «Субҳи Франция» (1945) ва маҷмӯаи ҳикояҳои «Маглубият ва матонати франсавиҳо» (1945) ҳам талхии маглубияти Франция ва ҳам даъват ба муборизаи акс ёфтааст. Дар маҷмӯаи шеърҳои «Боз корд ба устухон» (1948) пурзӯр шудани нуфузи ШМА дар Европа танқид шудааст. Силсилаи «Олами воқеӣ»-и А. бо романи «Коммунистон» (1949—51) ба охир мерасад. Дар достони «Чашм ва хотира» (1954) рохи тараққиёти инсоният бо эҳсоси шоирона таҳлил гардидааст. Бо китоби «Адабиётҳои советӣ» (1955) А. дар тарғиби адабиёти советӣ дар Франция саҳми калон гузошт. Дар достони «Романи нотамом» (1956) воқеаҳои сиёсии а. 20 тасвир шудааст, ки фактҳои тарҷумаи ҳоли адиброро ҳам дарбар гирифтааст. Романҳои «Ҳафтаи пурҳарорат» (1958), «Ҳалокати ҷиддӣ» (1965), «Бланш ё ки Фаромӯшӣ» (1967) ва достони «Шоирон» (1960) низ аз таълифоти А. мебошанд. А. дар як қатор асарҳояш, ки ба масъалаҳои адабиёти муосир бахшида шудаанд, ба муқобили шарҳи догматикии моҳияти реализми социалистӣ баромада, баъзе ақидаҳои баҳсталаб низ изҳор кардааст. А. узви Шӯрои умумиҷаҳонии Сулҳ, лауреати Мукофоти байналхалқии ленинии «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» (1957) ва доктори фахрии ун-тҳои Москва ва Париж мебошад.

АРАГОНИ́Т (аз номи вил. Арагон дар Испания), минерал, форм. химиявиаш $CaCO_3$. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ, кристаллҳояш призма ва сӯзаншакл. Агрегатҳояш аксар шӯшамонанд. Рангаш сафед, хокистарӣ, зардча, сабзи равшан, бунафш. Ҷилояш шишагун. Сахтиаш 3,5—4; зичиаш 2900—3000 кг/м³. А. минерали хоси зонаи оксидшавии конҳои маъдан ва қабатҳои фарсудаи ҷинсҳои кӯҳӣ буда, дар таркиби таҳнишасти чашмаҳои гарми минералӣ ва ковокиҳои ҷинсҳои вулқонӣ ҳам вомехӯрад. Аз кальцит бо системаи кристаллбандӣ ва зичиаш фарқ мекунад.

АРА́З (ар. عرض — намуди зоҳирӣ), мафҳуми фалсафӣ барои ифодаи хосиятҳое, ки ҳастиашон ба ашьё ва ҳодисаи дигар — *ҷавҳар* вобаста аст. Дар асрҳои миёна дар фалсафаи

форс-тоҷик А.-ро васеъ истифода менамуданд. Ибни Сино А.-ро чунин таъриф кардааст: «Араз он бувад, ки ҳастии вай андар чизе дигар истода бувад, ки он чиз бе вай ҳастияш худ тамом бувад ва ба феъл бувад ё ба худ ё ба чизе дигар ҷуз вай чунон ки сапедӣ андар ҷома, ки ҷома худ ҳаст бувад ба нафси хеш, ё ба чизҳо, ки ба эшон ҳаст шавад ва он гоҳ сапедӣ андар вай истода бувад. Сапедиро ва ҳар чӣ ба вай монад, араз хонанд.» (Абӯалӣ Сино. «Илоҳиёти Донишномаи Алой» Теҳрон, 1371 қ. саҳ. 9). Дар мисоли зикршуда, сапедӣ ва амсоли он нисбат ба ҷома А. буда, худи ҷома ҷавҳар аст. Чунин шарҳу эзоҳи А.-ро дар таълимоти фалсафии Фороби, Носири Хисрав, Насируддини Тӯсӣ, Бобо Афзали Кошонӣ ва диг. пайдо кардан мумкин аст. А. аз 9 мафҳум иборат мебошад: «чандӣ» (камият), «чигунагӣ» (кайфият), «изофат», «куҷой» (айна), «кай», (мато), «пиҳод» (вазъ), «дошт» (мулк), «кунишу» (аняфъал), «бикунидан» (анянфаил). Ин таҳсимотро аввалин бор Арасту пешниҳод кард. Ибни Сино ва диг. пайравони ӯ онро дастгирӣ намудаанд. Мас., Ибни Сино дар ин ду мисраъ муносибати аразу ҷавҳарро чунин ифода намудааст:

Марди дарози некӯ омад ба шаҳр имрӯз,
Бо хоста нишаста в-аз карди хеш пирӯз.

(Рисола дар ҳақиқат ва кайфияти силсилаи мавҷудот. Теҳрон, 1371 қ. саҳ. 3). Дар ин ҷо «мард» ҷавҳар буда, «дароз», «некӯ», «омад», «ба шаҳр», «имрӯз», «бо хоста», «нишаста», «карди хеш», «пирӯз» А. мебошанд. Дар фалсафаи Юнони Қадим ва аврупои Ғарбӣ А.-ро *акциденция* меноманд. *А. Муҳаммадҳоҷаев.*

АРАКС, дарёе дар Закавказия, шохоби рости д. Кура. А. аз нишебаи қ-кӯҳҳои Бингёл (дар Туркия) сар шуда, қад-қади сарҳади давлатии СССР (дар РСС Арм. ва РСС Озарб.) ҷорист. Тӯлаш 1072 км, масоҳ. ҳавзааш 102 ҳаз. км². Болообаш водии тангу чуқурро, ҷараёни миёнааш ҳамвории Арарат ва поёнобаш ҳамвориҳои Мил ва Муғонро бурида меҳузарад. Манбаи А.— бештар обҳои зеризаминӣ ва барф. Давраи пуробиаш март—июнь. Дар мавсими боронгарӣ (нояб., дек.) обхезӣ мешавад. Сарфи миёнаи об дар поёнобаш 205 м³/сон. Дар як сол 7,6 км³ об ҷорӣ шуда, 16 млн т обовард меорад. Обаш асосан барои обёрӣ истифода мегардад. Шохобҳои калонаш: аз чап—Ахурян, Раздан, Арпа, Воротан (Баргушод); аз рост—Котур, Қаросу. Мувофиқи созишномаи байни СССР ва Эрон (1970) дар А. сохтмони комплекси гидротехникӣ давом дорад.

АРАКЧЕЕВЧИГӢ, сиёсати ҷаҳолатпарастонаи гузаро ва истибдоди полисӣ, тартиботи даҳалтарин дар армия, ки А. А. Аракчеев (1769—1834) дар Россия ҷорӣ карда буд. Тартиботи А. зоҳиран намунавӣ ва тантананок буда, амалан бо ҷазоҳои ҷисмонӣ, таълими дурушту даҳал дар армия, дабдабаҳои расмии ночиз, бераҳмона пахш намудани ҳар гуна зуҳуроти норозигӣ фарқ мекард. А. чун мафҳуми манфии ифодаи бедодӣ, ҷаҳолат ва усулҳои полисӣ дар ҳаёти дохилии ҷамъият мебошад.

АРА́Л, баҳр дар ҷан. ғарби қисми Осиёии СССР. Дар баландии аз с. б. 53 м. воқеъ аст. Масоҳ. бо ҷаз-ҳо 64,5 ҳаз. км², тӯлаш 428 км, бараш 235 км, масоҳ. ҳавзааш 690 ҳаз. км². Ҳаҷми об ҳариб 1000 км³. Пастхамии б. Арал дар натиҷаи фурӯ ҳамидани қишри замин дар охири давраи неоген ба вуҷуд омадааст. Рельефи таги баҳр ҳамвор. Чуқурии миёнааш 20—25 м, ҷои аз ҳама чуқураш 67 м. Зиёда аз 300 ҷаз. дорад, калонтаринаш — Кӯкарал, Борсакелмас, Возрождения. Соҳили шимолӣ пасту баланд, халиҷҳо дорад; шарқиаш—пасти регзор, бисьёр халиҷҳои хурд ва ҷазираҳои наздисоҳилӣ дорад. Соҳили ҷан. аз дельтаи Аму иборат. Ба А. ду дарьёи калони Осиёи Миёна — Аму ва Сир мерезад. Иқлими атрофи баҳр континентӣ. Боришоти солона то 100 мм. Ҳарор. сатҳи оби баҳр тобистон 26—30° С, зимистон аз 0° С пасттар буда, ях мебандад. Шӯрии об дуртар аз резишгоҳи дарьёҳо 10—11‰, дар назди соҳилҳои ҷан. шарқӣ то 14‰. Аз оби А. намак истеҳсол мекунанд. Баҳр дар давоми 7 моҳ киштигард аст. Аз А. загорамоҳӣ, хормоҳӣ (шип), усач ва г. шикор мекунанд. Бандарҳои асосиаш: Аральск, Мӯйноқ.

АРА́Л, деҳа дар С. қ. Арали р-ни Восеъ, вил. Кӯлоб. Терр. к-зи ба номи Ленин. Аз А. то маркази С. қ. 7 км, то районӣ 25 км, роҳ асфальт. Аҳол. 844 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Деҳа мактаби миёна, мактаб-интернати 8-сола, клуб, пункти тиббӣ, магазин дорад. Машғулияти асосии аҳолӣ — пахтакорӣ, ғаллакорӣ, боғу токдорӣ ва кирмакдорист. Заминҳо аз пармачоҳҳо ва д. Сурхоб обьёрӣ мешаванд.

АРА́Л, деҳа, маркази С. қ Арали р-ни Куйбышев, вил. Кӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи Ленин. Аз А. то маркази районӣ 8 км. Нақлиёташ автомобилӣ. Аҳол. 1455 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, клуб, кинотеатр, китобхона, чойхона, касалхона, таваллудхона, дорухона, шӯъбаи алоқа, филиали комб. хизмати маишӣ (цехҳои сартарошӣ, таъмири пойафзол), магазин, ноҳвойхона, боғчаи бачагона дорад. Сокинони А. асосан бо пахтакорӣ ва боғдорию обчакорӣ машғуланд. Заминҳо аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

АРАСЛИ Ҳамид Муҳаммадтақӣ ӯғлӣ (тав. 23. 11. 1909, Ганҷа, Кировободи ҳозира), адабиётшиноси советии озар, акад. АФ РСС Озарб. (1969), аъзои ҳақиқии Ҷамъияти забони турки дар Туркия (1957). Аъзои КПСС аз с. 1963. Аввалин асарҳои илмии ӯ с. 1928 чоп шудаанд. Муаллифи як силсила мақолаҳои оид ба робитаҳои адабии озару форс ва озару турк. Очерку рисолаҳои доир ба Фузулӣ (1958), Низомӣ (1967) ба қалами А. тааллуқ дорад. Дар нашри осори *Воқиф, М. Ф. Ахундов* ширкат намуда, куллиёти асарҳои Фузулиро ба чоп тайёр кардааст (ҷ. 1—5, 1958).

АРАСТУ, Аристотелис (Aristoteles) ارسطو (384, Стагир — 322 то м. Халкидаи Эвбея), файласуф ва олими Юнони Қадим. Аз оилаи олим ва духтур Никомах. А. с. 367 барои таҳсил дар Академияи Афлотун ба ш. Афина меояд. Ӯ 20 сол аъзои ин академия буд ва баъди вафоти Афлотун аз он баромад. А. с. 343 бо таклифи подшоҳ Филипп (Филипфус) ба Македония омада, ба тарбияи писари ӯ — Искандар машғул мешавад. А. с. 335 ба Афина баргашта, мактаби худ — Ликейро ташкил мекунад. Маҳз дар ҳамин давра системаи фалсафии худро такмил дода, системаи идеалистии фалсафии Афлотунро ҳадафи танқид қарор медиҳад. В. И. Ленин ба ин кори А. баҳои баланд додааст.

Рисолаҳои А. мазмунан ба 7 гурӯҳ таҳсим мешаванд: 1) рисолаҳои мантиқи: «Категорияҳо», «Дар бораи таъбир», «Аналитикаи якум ва дуюм», «Топика»; 2) рисолаҳои физики: «Физика», «Дар бораи пайдоиш ва эъдом», «Дар бораи осмон», «Дар бораи масъалаҳои метеорологӣ»; 3) рисолаҳои биологӣ: «Дар бораи нафс», «Таъриҳи ҳайвонот», «Дар бораи ҷузъиёти ҳайвонот», «Дар бораи пайдоиши ҳайвонот», «Дар бораи ҳаракати ҳайвонот»; 4) рисолаҳо оид ба «фалсафаи уло»: «Метафизика»; 5) асарҳои ахлоқӣ: «Ахлоқи Никомах», «Ахлоқи Эвдем»; 6) асарҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъриҳӣ: «Сиёсат», «Полития»; 7) асарҳо оид ба сапъат, назм ва илми баён (риторика): «Риторика», «Поэтика».

Фаъолияти илмии А. соҳаҳои гуногуни илми қадимро дарбар мегирад. Ӯ дар ташаккул ва инкишофи илмҳои фалсафа ва мантиқ, этика ва эстетика, таъриҳ ва табиатшиносӣ, адабиёт ва сиёсат саҳми бузург гузоштааст. Аз ин ҷост, ки дар таъриҳи миёнаҳдаи илми фалсафа таъсири осори А. чи дар Ғ. ва чи дар Ш. калон аст.

Тамоми осори то замони мо расидаи А.-ро ба қисмати илмҳои назариявӣ, амалӣ ва эҷодӣ ҷудо намудан мумкин аст. Илмҳои назариявӣ — «физика», «метафизика» (мобаъдуттабиа), «фалсафаи уло», илмҳои амалӣ — ахлоқ, иқтисодиёт, сиёсат ва

илмҳои эҷодӣ — санъат, риторика ва ғ.-ро дарбар мегиранд. В. И. Ленин ба андешаҳои А. оид ба таснифоти илмҳо баҳо дода қайд мекунад, ки ӯ мушкилиҳои асосии ин. соҳаро ба хубӣ ҳал карда бошад ҳам, робитаи дохилии илмҳои мухталифро, ки ҷиҳатҳои гуногуни ҳастии объективӣ ва қонуниятҳои онро меомӯзад, дарк карда натавонистааст.

А. нахустин мутафаккирест, ки ба таҳлили таҷрибаи таърихии илму фалсафа пардохтааст. Вай таърихи инкишофи илму фалсафаи Юнони Қадимро аз Фалес то Афлотун ҷамъбаст намуда, ба тараққиёти минбаъдаи илму фалсафа ҳиссаи бузург гузошт.

Майли материалистии фалсафаи А. дар таълимоти ӯ оид ба диалектикаи ҳастӣ равшан зоҳир мешавад. В. И. Ленин ба чунин ақидаи А., ки «ҳодисоти табиат реалӣ мебошад», баҳои баланд медиҳад: «Бисьёр зебост! Ба реалияти олами берунӣ шубҳа карда намешавад» (Ас., ҷ. 38, саҳ. 390). Аммо, ҳангоме ки А. аз шарҳи умумии реалияти объективӣ ба таҳлили конкретӣ мегузарад, бесуботии фалсафаи ӯ ошкор мешавад. А. ба диалектикаи мафҳумҳои умумӣ ва ҷузъӣ сарфаҳм рафта натавонист. В. И. Ленин ба ин муносибат навишта буд: «Дар айни ҳол дар диалектикаи кулл ва алоҳида — мафҳум ва реалияти бо ҳисҳо даркшавандаи предмет, чиз ва зуҳури алоҳида — саргумии соддадилонае, саргумии оҷизонаю ҳақиронае дида мешавад» (Ас., ҷ. 38, саҳ. 388). А. аввалин шуда категорияҳои *ҳастӣ* — моҳият, миқдор, сифат, изофа, макон, замон, вазъ, мулк, куниш, бикуниданро ҳаматарафа тадқиқ мекунад. Дар баробари ин ӯ ба таҳлили категорияҳои ҳаракат, имконият ва воқеият диққати зиёд додааст.

А.-ро ҳаққонӣ асосгузори илми мантиқ меноманд. Ӯ қонунҳои асосии мантиқи шаклиро муфассал таҳқиқ кардааст. Мантиқи А. бо таълимоти ӯ дар бораи ҳақиқат, ҳастӣ ва назарияи маърифат зич алоқаманд аст. Шаклҳои мантиқиро А. ҳамчун шаклҳои ҳастӣ медонист. Аз ин сабаб Ф. Энгельс навишта буд, ки А. «муҳимтарин шаклҳои тафаккури диалектикиро тадқиқ карда буд» (Анти-Дюринг, Д., 1975, саҳ. 16). Назарияи ичтимоии А. идеалистӣ буда, ба мустаҳкамии сохти ғуломдорӣ ва ҳукмронии ғуломдорон нигаронда шудааст. Ба ақидаи ӯ ба ғуломону ғуломдорон тақсим шудани ҷамъият, ҳукмронии ғуломдорон ва ҳаёти сахти ғуломон ҳақиқати ҳол аст, зеро ғуломон аз азал ғулом, аммо ғуломдорон чун ҳукмронҳо таваллуд шудаанд. Назарияи давлатии А. ба ҳимояи табақаи миёнаи ҷамъият равона шудааст. Ӯ назарияи давлати идеалии Афлотунро рад карда, дар ихтиёри табақаи ғуломдорони миёнаҳол мондани ҳокимияти давлатиро зарур мешуморад. А. демократияи ба ифрот расидаро демократияи вайроншуда ҳисоб мекунад. А. дар таълимоти иқтисодии худ даъво мекард, ки гӯё ғуломдорӣ ҳодисаи табиист ва бояд доимо асоси истеҳсолот бошад. Таълимоти А. оид ба давлат ва ҷамъият бӯҳрони сохти ҷамъияти ғуломдориро нишон медод. Дар муборизаи равияҳои асосии фалсафӣ А. мавқеи мобайниро ишғол карда, «дар байни идеализм ва материализм» мекалавид (Ленин В. И., Ас., ҷ. 38, саҳ. 298).

Дар тӯли таърих образ ва таълимоти фалсафии А. таҳаввулоти зиёдеро дида буд, ки ба А.-и таърихӣ қаробати ночизе доранд. Ин ҳолат дар фалсафаи асрҳои аввали милод, алалхусус дар ҷараёни *навафлотунӣ* ба хубӣ дида мешавад.

А. дар таърихи фалсафаи форс-тоҷик ва араб мақоми хосе дорад. Дар заминаи таълимоти А. фалсафаи *машшоия* пайдо шуд, ки намояндагони барҷастаи он *Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд* ва диг. принципҳои ин таълимотро ҳарҷониба инкишоф додаанд. Хизмати таърихии мутафаккирони форс-тоҷик ва араб аз он иборат аст, ки симои А.-и таърихӣ маҳз бо кӯшиши беғаразонаи онҳо равшан шудааст. Европаи Ғарбӣ бо А. дар асрҳои миёна аз рӯи асарҳои Ибни Сино ва Ибни Рушд шинос шудааст. Вале мутафаккирони Шарқ алалхусус, Ибни Сино фалсафаи А.-ро аз нуқтаи назари танқидӣ омӯхтаанд. Асари Ибни Сино «Ҳикмат-ул-машриқиин» ва мукотибаи ӯ бо *Берунӣ* ба ин шаҳодат медиҳад. Форобӣ ба «Метафизика», «Дар бораи нафс», «Этика», «Категорияҳо», «Топика», «Аналитика» ва диг. асарҳои А. шарҳи илмӣ навиштааст. А. дар Шарқ ҳамчун «муаллими аввалин» машҳур аст. Форобӣ, бинобар нағз донистани асарҳои А. ба номҳои «муаллими сонӣ», «Арастуи Шарқ» сазовор гаштааст. Ибни Сино, ки ғояҳои пешқадами А. ва Форобиро дар асоси комьёбиҳои илми табиатшиносӣ инкишоф дода буд, ба унвони «муаллими сеюм» ноил гардид. Агар Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд системаи фалсафӣ ва илмии А.-ро инкишоф дода бошанд, ҷараёни *калом* ва пеш аз ҳама намояндаи маъруфи он, Муҳаммади Ғазолӣ, бар зидди ин мутафаккирон баромада, дар шахсияти онҳо зидди ақоиди фалсафии А. қаламронӣ мекунад. Ба ин асари Муҳаммади *Ғазолӣ* «Таҳофут-ул-фалосифа» ва асари Ибни Рушд *«Таҳофут-ут-таҳофут»*, ки дар ҷавоби асари мазкури Ғазолӣ иншо шудаанд, ҷавобӣ медиҳад.

Мақоми аслии А.-ро дар таърихи тамаддуни инсоният ба таври илмӣ танҳо асосгузорони марксизм-ленинизм муайян кардаанд. Дар мамлакати мо ба интишор ва пропагандаи осори А. аҳамияти махсусе дода мешавад, ки халқҳои СССР, аз ҷумла халқи тоҷик аз он баҳраманданд.

Ас.: Метафизика, М., 1934; Категории, М., 1939; Аналитики первая и вторая, М., 1952; Поэтика, М., 1957.

Ад.: Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., 2 изд., т. 20; Ленин В. И., Ас., ч. 14, 38; Осимй М. С., Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ Д., 1970; Александров Г. Ф., Аристотель, М., 1940; Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока, М., 1961; Богоутдинов А. М., Очерки по истории таджикской философии, Сталинабад, 1961; Зубов В. П., Аристотель, М., 1963; Ашуров Ғ., Античные философы в поэме Джами «Хирадномаи Искандарӣ», дар маҷм.: Абдурахмони Ҷомӣ, Д., 1973; Лосев А. Ф., История античной эстетики. Высокая классика, М., 1974.

Ғ. Ашуров.

АРАФӮР, баҳри каноре дар уқ. Ҳинд, байни Австралияю Гвинеяи Нав ва ҷаз-ҳои Танимбар, Кай. Масоҳ. 1037 ҳаз. км². Чуқуриаш дар бисьёр ҷойҳо то 200 м, дар Шим. Ғ. то 3680 м. Халиҷи калонаш — Карпентария. Ҷараёни об тобистон аз Ғ. ба Ш., зимистон баръакс аст. Ҳарор. миёнаи сатҳи об 25—28° С. Шӯрии об 34—35‰.

АРАХНОИДИТ (юн. arachne — тортанак ва eidos — шакл), илтиҳоби пардаи нарми мағзи сар (А.-и церебралӣ) ё ҳароммағз. А. аз бодиҳои грипп, сифилис, сил, таъсири моддаҳои заҳрнок, осеби косахонаи сару сутунмӯҳра ва ғ. ҳам сар мезанад. Дар натиҷаи А. пардаи нарми мағзи сар ғафс, сахт ва омосшакл мешавад. Ҳангоми А.-и мағзи сар сардардию сарчархӣ, қай, баъзан бемизоҷ рагкашӣ, пастшавии овоз, сустшавии босира, олусӣ ва ғ. мушоҳида мегардад. Аз А.-и ҳароммағз дар бадан, даст ва по дард пайдо мешавад.

Муолиҷа: бартараф кардани омилҳои А. ва баъзан ҷарроҳӣ.

АРАХОСИЯ (юн. қадим — Arachōsia, форсии қадим—Ҳараҳвайти), вилояти таърихӣ дар шарқи паҳнкӯҳи Эрон, дар водии ҳавзаи д.-ҳои Аргандоб ва Аргастон бо шаҳрҳои асосиаш дар ҳудуди Қандаҳору Ғазнаи ҳозира. Дар катибаи Бесутун ва «Авесто»-и хурд номбар шудааст. Дар аҳди *Куруши Кабир* (байни 547 ва 539 то м.) ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил буд. Дар аҳди *Дорои I* дар А. шӯриши тарафдорони Ваҳяздат (522—521 то м.) сар зад, ки онро волии Форс бо душворӣ пахш кард. А.-ро с. 330 то м. *Искандари Мақдунӣ* зери даст намуд. Юнониҳо дар ин ҷо ш. Искандария ё Александропольро буньёд карданд. Охири а. 4 то м. волӣ Сибиртий ҳокими А. буд. Муаллифи машҳури юнонӣ Магасфен, ки ба Ҳиндустон сафар карда, асар навишт, дар А. низ чанде зиндагӣ намудааст. Дар асари вай оид ба А. маълумот ҳаст. Тақрибан с. 305 то м. А.-ро *Селевки I* забт кард. Вале дере нагузашта А. ба давлати Маврия ҳамроҳ гардид. Тақрибан с. 190 то м. А.-ро подшоҳи Юнону Бохтар Деметрий забт кард. Дар аҳди ӯ ш.

Деметрия буньёд шуд. А. аз ҳамин вақт пайваста ба мулкҳои ҳокимони юнонӣ, сакӣ ва портӣ ҳамроҳ мешуд. Нихоят а. 1 м. дар ахди *Кадфизи* I ё II А. ба як қисми давлати *Кушониён* табдил гашт. А.-ро а. 5 *Ҳайтолиён* забт намуданд. Аксари муаллифони а. 10 ин сарзаминро чун музофоти Арруҳаҷ ба қалам додаанд.

М. Пьянков.

АРАҚ (ар. عرق), моеи беранг, ки дар баъзе ширмакон ва одам аз ғадуди арақ ба рӯи пӯст мебарояд. Ғадудҳои арақ бештар дар рӯй, кафи даст, кафи по ва дар зери бағали одам ҷойгир шудаанд. Арақчудокунӣ процесси физиологӣ буда, ба фаъолияти кори мушакҳо, ҳарорати мухити беруна ва ба миқдори оби нӯшидашуда вобаста мебошад. Таркиби А. ба ҳолати организм, сурҳати арақчудокунӣ, инчунин ба мавҷудияти моддаҳои гуногуни хун вобаста аст. Одам дар як шабонарӯз аз 0,5 то 10 л арақ чудо мекунад, ки он 98—99% об, тақрибан 0,1% дурдаи пешоб, кислотаи дурдаи пешоб, креатинин, серин, чарб, холестерин, намакҳои металлҳои ишқорӣ (бештар NaCl — 0,3%) ва диг. моддаҳо дорад.

АРАҚ (ар. عرق), нӯшокии баланддараҷаи алкогольдор, омехтаи спирти этили соф ва об. Аз спирти ғалла ҳосил карда мешавад. Дар з-дҳои винои Тоҷикистон ҷанд навъ А.— «Водка», «Экстра» ва г. истеҳсол карда мешаванд.

АРАҚА (ар. ارقة), болори сербаре, ки дар пештоқи бино гузошта мешавад. Устоҳо ин ҷузъи меъморӣро шоҳпул ҳам меҳӯянд. Аксар вақт рӯи шоҳпулро бо кандакорӣ ва нақшҳои гуногун ороиш медиҳанд. Устоҳои гулдаст баъзан байтҳои пурҳикмати шоиронро дар рӯи он сабт мекунанд. А. дар санъати меъмории Шарқ бештар дар масҷиду мадрасаҳо, манзилгоҳҳо истифода мешуд. А.-ро дар меъмории ҳозиразамон, махсусан, дар биноҳои калони ҷамъиятӣ кор мефармоянд.

Х. Ҳакимов.

АРАҚЧӢН, навъи каллапӯши сабуки гирдшакл, ки аз матои тунуки сафед медӯзанд. А.-ро мардҳо бештар дар фасли гармо рӯзона аз таки телпаку салла ва шабона вақти хоб мепӯшанд.

АРАҚЧӢН, деҳа дар С. қ. Чорбоғи р-ни Ленини РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Куйбышев. Аз А. то маркази С. қ. 6 км, то район 32 км. Аҳол. 675 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагиаш — ғаллаю тамокукорӣ ва чорводорӣ. Сокинони деҳа аз оби чашма истифода мебаранд.

АРБАТОВ Георгий Аркадьевич (тав. 1923), муаррихи советӣ, доктори илми таъриҳ, акад. АФ СССР (1974, аъзо-корр. аз 1970). Аъзои КПСС аз с. 1943. С-ҳои 1941—44 дар сафи Армияи Советӣ хизмат кардааст. С. 1949 Ин-ти муносибатҳои байналхалқии Москваро хатм намуд. С-ҳои 1949—60 дар нашриёҳои мухталиф (Нашриёти Адабиёти хориҷӣ, журналҳои «Вопросы философии», «Новое время», «Коммунист») кор кард. С-ҳои 1960—62 шореҳи журнали «Проблемы мира и социализма» дар Прага, 1962—64 мудири сектори Ин-ти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқии АФ СССР, 1964—67 дар аппарати КМ КПСС. Аз с. 1967 директори Ин-ти ШМА АФ СССР. С. 1971 дар съезди 24 КПСС аъзои Комиссияи Марказии тафтишоти КПСС, с. 1976 дар съезди 25 КПСС номзад ба аъзоигии КМ КПСС интихоб гардид. Депутати Совети Олии СССР (даъвати 9). Бо орденҳои Ленин, Революцияи Октябрь, Байраки Сурхи Меҳнат, 2 ордени Ситораи Сурх, «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст.

АРБЕРРИ (Arberry) Артур Ҷон (12. 5. 1905—2. 10. 1969), шарқшиноси англис. Қариб 40 сол машғули шарқшиносӣ буд. Дар ун-тҳои Қоҳира, Лондон, Кембриҷ кор кардааст. Аъзо ва аъзо-корр. академияҳои Миср, Эрон, Димишқ, ноиб-президенти Комитети тарҷумаҳои адабиётҳои классикии ЮНЕСКО буд. Допр ба адабиёти классикии форс-тоҷик, қариб 40 асари тадқиқотӣ ва тарҷумавӣ дорад, ки муҳимтаринаш инҳост: «Тадқиқотҳои англисӣ доир ба эроншиносӣ» (1942), «Сарахбори таъриҳи суфия» (1943), «Панҷоҳ достони Ҳофиз» (1947), «Рубоиёти Умари Хайём» (1949), «Рубоиёти Ҷалолуддини Румӣ» (1949), «Абуалӣ ибни-Сино ва фиқҳ (теология)» (1951), «Адабиёти классикии форс» (1958), «Романтикаи рубоиёт» (1959), «Тадқиқотҳо доир ба шарқшиносӣ» (1960) ва г.

АРБОБ (ар. ارباب — ҷамъи رب рабб— соҳиб), то Рев. Каб. Соц. Октябрь заминдорони калон, соҳибони деҳаҳо, дар аморати Бухоро сардори миробҳо ва амлокдорҳо. Дар деҳаҳо оқсақолони интихобӣ ва дар шаҳрҳо нозирони ҷӯйкобӣ ва тозагии чашмаҳоро низ А. меномиданд. А. аз халқ барои худаш аз рӯи салохдид ба номи арбобона андозе мегирифт. *А. Ягонӣ.*

АРБОБ, деҳа дар С. қ. Унчи р-ни Хуҷанд, вил. Ленинобод. Маркази к-зи ба номи Урунхӯҷаев. Аз деҳа то маркази район 10 км, то маркази вилоят 3 км. Нақлиёташ автомобилӣ. Аҳол. 1180 наф. (1976), тоҷикон. А. мактаб-интернат, қасри маданият, пункти тиббӣ, магазин, ошхона, ноҳвойхона, чойхона-қироатхона дорад. Сокинони А. бо пахтакорӣ, боғу токдорӣ, кишти зироати полизӣ ва лимӯнпарварӣ машғуланд. Заминҳо аз д. Сир ба воситаи насосҳо обёрӣ мешаванд.

АРБОБДАРА, деҳа дар С. қ. Эскигузар, р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Карим Исмоилов. Аз А. то маркази С. қ. 8 км, то район 13 км; роҳ асфальт. Аҳол. 367 наф. (1976), тоҷикон. Зодгоҳи ду карат Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ Карим Исмоилов. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо ба воситаи насосҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

АРБОБХОТУН, деҳа дар С. қ. Чортеппаи р-ни Ленин, РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Съезди 22 партия». Аз А. то маркази С. қ. 4 км, то район 20 км. Аҳол. 2821 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, китобхона, пункти тиббӣ, магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обёрӣ мешаванд.

АРБОБӢ, деҳа дар С. қ. Симиганҷ, р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Орҷоникидзеобод». Аз А. то маркази С. қ. 7 км, то район 5 км, роҳ асфальт. Аҳол. 410 наф. (1976), тоҷикон. Соҳаи асосии хоҷагӣ — сабзаваткорӣ. Заминҳо аз д. Симиганҷ обёрӣ мешаванд.

АРБОБӢ, деҳа дар С. қ. Хонақоҳи Кӯҳӣ, р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Дружба». Аз А. то маркази С. қ. 3 км, то район 9 км; роҳ асфальт. Аҳол. 475 наф. (1976), тоҷикон. Дар А. лагерьҳои пионерии «Юность» ва «Тоҷикнефть» ҷойгиранд. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Аҳолӣ аз оби д. Хонақоҳ истифода мебарад.

АРБОРИЦИДҲО (лот. arbor — дарахт ва caedo — мекушам), моддаҳои химиявӣ барои маҳви набототи бегонаи буттаву дарахт (мас., бароҳ маҳви шибоғи буттанамои чарогоҳ ва дарахтони камаҳамияти беша ва г.). Ҳамчун А. бештар эфирҳои кислотаи 2,4-дихлорфеноксиацетат (2,4-Д) ва кислотаи 2, 4, 5-трихлорфеноксиацетат (2, 4, 5-Т) ё омехтаи онҳоро ба кор мебаранд .Сарфи А. аз 3 то 50 кг/га. Пиклорам (2 кг/га) яке аз беҳтарин А. мебошад. А.-ро бо дорупошаки дастӣ ё самолётҳо мепошанд.

АРБӮЗОВ Александр Ерминингельдович (11. 9. 1877, деҳаи Арбузово-Барани губ. Қазон — 22. 1. 1968, Қазон), химики советӣ, акад. АФ СССР (1942; аъзо-корр. 1932). Ходими Хизматнишондодаи Илми РСФСР ва РАСС Тотористон (1935), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957). Ун-ти Қазонро хатм намуда (1900), с-ҳои 1911—30 проф. ҳамон ун-т буд. Фаъолияти илмиашро асосан ба химияи пайвастҳои органикии гетероциклӣ ва фосфорорганикӣ, таутомерияи эфирҳои диалкилии кислотаи фосфит, катализи баъзе пайвастҳои фосфор ва таъриҳи химия бахшидааст. Ӯ сохти кислотаи фосфит ва эфирҳои онро муайян карда, гурӯҳбандии эфирҳои миёнаи ин кислотаро кашф кардааст (реакцияҳои Арбузов). А. инчунин коши-

фи усули нави ҳосил кардани радикалҳои озоди қатори триарилметилӣ ва нитрилҳои калонмолекулаи қатори ҳаднок мебошад. А. депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 2—6). Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1943, 1947). Бо 5 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Избранные труды, М., 1952.

АРБӮЗОВ Борис Александрович (тав. 4. 11. 1903, деҳаи Ново-Александрия, губ. Люблин, ҳоло дар Польша), химики советӣ, акад. АФ СССР (1953; аъзо-корр. 1943), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). Аз с. 1938 проф. Ун-ти Қазон. Директори Ин-ти химияи органикӣ ва физикии АФ СССР, директори Ин-ти тадқиқоти илмии химияи ба номи Бутлеров дар назди Ун-ти Қазон. Муаллифи зиёда аз 400 асарҳои илмӣ, ки асосан ба химияи терпенҳо, диенҳо, пайвастҳои элементоорганикӣ, инчунин омӯзиши сохти пайвастҳои органикӣ ба воситаи усулҳои физикӣ тааллуқ доранд. Депутати Совети Олии СССР (даъвати 7). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1951). Бо 2 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Исследования в области изомерных превращений бициклических терпеновых углеводородов и их окисей, Казань, 1936.

АРВӮҲ (ар. ارواح — ҷамъи روح — ҷон, нафс), дар таълимоти динӣ моҳлуқоти фавқуттабиӣ. Эътиқод ба мавҷудияти А. дар натиҷаи шарҳи ғайриилмии ҳодисаҳои ҳаёт ва шуур (хоббинӣ, марг, мадҳушӣ) ба вуҷуд омада, дар таълимоти анимистӣ (ниг. *Анимизм*) ташаккул ёфтааст. Одами ҷамъияти ибтидоӣ сабаби пайдоиши ин ҳодисаҳоро надониста, зуҳуроти ҳаёлиро ҳамчун моҳияти асл тасаввур мекард. Мас., вай хоббиниро таассуроти А.-и аз ҷисм берун баромада дониста, ақида дошт, ки агар А. бо ягон сабаб ба ҷисм барнагардад, хоб ба марг табдил меёбад. Дар динҳои муосир низ ин ақида вуҷуд дорад. Дар таълимоти динӣ одамони зинда ва А.-и мурдагон бо ҳам робитаи мутақобила доранд. Ба ақидаи диндорон, А. моҳлуқест, ки аз моддаи муайяни шаффоф таркиб ёфта, хосияту қобилияти махсус дорад. А. гӯё метавонистааст дар ҷои дилхоҳаш пайдо шавад, маҳзуну маъюс ё шоду хуррам бошад, ба ҳаёти одамон таъсири манфӣ ё мусбат расонад, аз ҳар гуна монеа гузарад, ҷиҳати зоҳирии худро тағйир диҳад. Аз тарафи дигар, А. гуруснагию ташнагиро ҳис карда метавонистааст. А. ҳамчун ҷузъи рӯҳи илоҳӣ воситаи «мулҳақ шудан» бо худо будааст. Дар асл тасаввуроти динӣ доир ба оламе А. инъикоси вайрон ва фантастикии қувваҳои стихиявии табиат ва ҷамъият буда, дарки нодурусти зуҳуроти рӯҳӣ ва шуури инсонист. *А. Шарифов.*

АРГЕНТӢНА (Argentina), Республикаи Аргентина (Republica Argentina).

Маълумоти умумӣ. А.— давлат дар қисми ҷан. шарқии Америкаи Ҷанубӣ. Масоҳ. 2,8 млн км². Аҳол. 25,7 млн наф. (1976); зиёда аз 80% аҳолӣ аргентиниҳо. Пойтахташ — Буэнос-Айрес (аҳол. 7,6 млн наф., 1976). Забони давлатӣ — испанӣ. Дини ҳукмрон — католикӣ. Қисми ҷан. шарқии материки Америкаи Ҷанубӣ, қисми шарқии ҷаз. Замини Оташин ва ҷаз-ҳои ба он наздики Эстадос ва ғайраро дарбар мегирад. Дар Ғ. бо Чили, дар Шим. ва Шим. Шарқ бо Боливия, Парагвай, Бразилия ва Уругвай ҳамсарҳад аст.

Буэнос-Айрес. Намуди умумӣ.

Сохти давлатӣ. А.— республикаи федеративӣ. Сардори давлат ва ҳукумат — президент, ки ба мӯҳлати 4 сол интихоб мешавад. Баъди вафоти (1 июли 1974) президент Х. Д. Перон (23 сент. 1973 интихоб шуда буд) ноиб-президент М. Э. Мартинес де Перон (зани Х. Д. Перон) президент шуд. 24 марти 1976 ҳайати Фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳи Аргентина табаддулоти давлатӣ кард. Президенти Аргентина М. Э. Мартинес де Перон ба ҳабс гирифта шуда, аз пойтахт ба ҷануби мамлакат бадарга карда шуд.

Табиат. Замини А. дар шарқ ҳамвор, дар ғарб кӯҳсор аст. Тамоми Шим. Ш. онро пастии Ла-Плата ишғол кардааст, ки ин пастӣ аз ҳамвориҳои Гран-Чако, Энтре-Риос (байни дарёҳои Парана ва Уругвай) ва Пампа иборат мебошад. Дар Ғ. кӯҳҳои Анд (к. Аконкагуа, 6960 м — қуллаи баландтарини Америкаи Ҷанубӣ) баланд шуда, дар Ҷ. Ғ. паҳнкӯҳи Патагония (то 2000 м) ва дар Шим. Ғ. паҳнкӯҳи Пуна (қариб 4000 м) воқеъ гардидаанд. Дар А. конҳои ангишт, нефть, маъдани оҳан ва мис, полиметалл, уран, вольфрам ва литий ҳастанд. Иқлими А. вобаста ба мавқеи он аз се минтақаи иқлимӣ — тропикӣ, субтропикӣ ва мӯътадил иборат аст. Дар ҳамвориҳо — иқлим тропикӣ (ҳарор. миёнаи янв. (тобистон) 30° С, июль (зимистон) 20° С, боришоти солона то 900 мм, дар ноҳияҳои марказӣ — субтропикӣ (ҳарор. миёнаи янв. 23°С, июль 9° С, боришот — то 1000 мм); дар Патагония — мӯътадили нимбиёбонӣ (ҳарор. миёнаи янв. 12° С, дар баъзе ҷойҳо то 22° С, июль аз 2° то 5° С, боришот 100—250 мм). Иқлими кӯҳистони Анд баландкӯҳии биёбонист. Д-ҳои асосӣ: Парана, Парагвай ва Уругвай — пуроби киштигард; Рио-Негро, Рио-Колорадо ва Чубут — дорои захираи калони гидроэнергия мебошанд. Дар к-ҳои Анд кӯлҳои калони пирьяхӣ (Науэль-Уапи, Буэнос-Айрес, Вьедма ва ғ.), дар маркази Энтре-Риос ва Пампа ботлоқзорҳои бисьёре воқеанд. Хусусият ва таркиби хоку наботот ҳам ба се минтақаи иқлимӣ вобастагӣ дорад. Наботот асосан аз марғзори сернами дашту саванна ва ҷангали кӯҳсори субтропикӣ иборат мебошад. Аз ҳайвонот дар А. лама, кашафпушт, нанду ва ғ. вомехӯрад. Дар Пампа ва Энтре-Риос ҳайво-

Ландшафти нимбиёбон дар қисми шим. ғарбии Аргентина.

ноти ваҳшӣ қариб тамоман побуд гардида, дар ноҳияҳои диг. нутрия, сагоби ва г. шикор карда мешавад.

Аҳолӣ. Аксарияти аҳолии А.-ро (зиёда аз 80%) аргентиниҳо — авлоди муҳоҷирони Испания, Италия, Франция ва Польша ташкил медиҳанд. Қисми зиёди аҳолии маҳалли — ҳиндуён дар рафти мустамликадории европоиён қир карда шудаанд. Зиёда аз нисфи аҳолӣ дар ноҳияи Пампа зиндагӣ мекунад, зичии аҳолӣ дар ин ҷо дар 1 км² ба 20 наф. мерасад. А. яке аз мамлакатҳои аҳолиаш аксар шаҳринишини Америкаи Лотинист; зиёда аз 70%-и аҳолӣ дар шаҳрҳо истиқомат мекунад. Ш-ҳои калонтарин: Буэнос-Айрес, Росарио, Кордова, Ла-Плата, Тукуман ва Санта-Фе.

Очерки таърихӣ. Аз замонҳои қадим дар ҳудуди А. қабилаҳои сершумори ҳинду сокин буданд, ки давраи сохти ҷамъияти ибтидоиро аз сар мегузаронданд. Аввалҳои а. 16 ҳоки А.-ро испаниҳо ба тасарруфи худ дароварда, ба он Ла-Плата ном ниҳоданд ва дар ин сарзамин тартиботи феодалӣ-крепостной ҷорӣ намуданд. Табақаҳои ватанпарвари аҳолӣ с. 1810 бар зидди мустамликадорон бархоста, ба асорати испаниҳо хотима доданд ва с. 1816 истиқлолияти Музофотҳои муттаҳидаи Ла-Платаро (аз 1816 Аргентина ном гирифт) эълон карданд. Бисьёре аз тартибу қоидаҳои феодалӣ ва ғуломдорӣ нест карда шуд. Аммо муборизаи байни доираҳои буржуазию помещикии Буэнос-Айрес ва олигархияи клерикалию помещикии диг. музофотҳо ба ташкили давлати ягона монеъ мешуд. Баробари ба сари ҳокимият омадани диктатор Х. М. Росас (1829), ки дастнишондаи рӯҳониён ва помещикони калон буд, реакция авҷ гирифт. Баъди сарнагун шудани диктатураи Росас (1852) муборизаи барои муттаҳидии миллат аз нав оғоз ёфт ва ин муборизаи бо ташкили давлати ягона (1862) ба охир расид. Аз охирҳои а. 19 дар А. муносибатҳои капиталистӣ пойдор гашта, таъсири сиёсӣ ва муташаккилии синфи коргар афзуд, аввалин баромадҳои оммавии синфи коргар ба амал омад. Дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонии с-ҳои 1914—18 А. сиёсати бетарафиро пеш гирифт. Бо таъсири Рев. Каб. Соц. Октябрь муборизаи революционии синфи коргар вусъат ёфт. С. 1918 Партияи коммунистии Аргентина ташкил гардид. Ҳукумати партияи радикалӣ, ки с-ҳои 1916—30 дар сари ҳокимият буд, дар роҳи ривоҷи саноати миллӣ чораҳо андешида, барои маҳдуд кардани даҳолати капитали хориҷӣ ва гузаронидани сиёсати мустақили берунӣ кӯшиш кард. Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ болоравии ҳаракати демократӣ мушоҳида гардида, имконияти ба сари ҳокимият омадани қувваҳои демократӣ фаро расид. Вале с. 1943 табаддулоти давлатӣ ба амал омада, диктатураи ҳарбӣ барқарор шуд. С. 1946 Х. Д. Перон, ки манфиати доираҳои миллатпарасти буржуазиро ифода мекард, президент шуд. Ҳукумати Перон р. о., телефон ва нақлиёти шаҳрии пойтахтро аз ширкатҳои хориҷӣ харида гирифта, тиҷорати беруниро ба тартиб овард, ба тараққиёти саноати миллӣ кӯмак кард, ба беҳтаршавии шароити зиндагӣ ва меҳнати баъзе категорияи коргарон ёрӣ расонд ва барои пеш бурдани сиёсати мустақили берунӣ кӯшид. Ҳарбиён ва реакцияи буржуазию помещикӣ с. 1955 Перонро сарнагун карданд. Ҳукумати П. Э. Арамбуру (1955—58), ки ба ҷои Перон омад ва баъди он ҳукумати А. Фрондиси манфиати олигархия, буржуазияи калон



ва капитали хоричиро ҳимоя карда, муборизаи меҳнаткашонро бераҳмона пахш намуд. Ҳукумати А. Ильиа (аз с. 1963) дар зери фишори омма баъзе чораҳо андешид, то ки сектори давлатии капиталистиро мустаҳкам намуда, капитали хоричиро маҳдуд созад, аммо сарнагун карда шуд (июни 1966) ва қувваҳои ҳарбӣ ба сари ҳокимият омада, партияҳои сиёсиро манъ, парламент ва диг. органҳои ҳокимиятро пароканда намуданд. Тезутундшавии муборизаи барои ҳокимият боиси он гардид, ки ба ҷои як ҳукумати ҳарбӣ ҳукумати дигари ҳарбӣ меомад. Ҳукумати генерал А. А. Лануссе (1971—73) мамлакатро аз бӯҳрони дурударози иқтисодӣ ва сиёсӣ бароварданӣ шуда, барои барқарор намудани шакли конституционии идораи мамлакат адбирҳо андешид, ба фаъолияти партияҳои буржуазӣ иҷозат дод, интихоботи президентро гузаронд. Ҳамфикру ҳаммаслаки Перон Э. Кампора бар сари ҳокимият омада, қонунҳои ҷазодиҳӣ ва зиддикоммунистиро бекор кард, ба фаъолияти ПКА иҷозат дод, бо баъзе мамлакатҳои социалистӣ муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд. Тадбирҳои прогрессивии ҳукумати Кампора боиси тезутундшавии муборизаи гурӯҳҳои рост ва унсурони рӯҳияи радикалӣ дошта дохили ҳаракати перонистӣ гардиданд ва ин вазъият Кампораро маҷбур кард, ки июли 1973 ба истеъфо барояд.

Хоҷагӣ. А. мамлакати аграрӣ-индустриалӣ буда, хоҷагии қишлоқаш асосан галла ва гӯшт истеҳсол мекунад. Иқтисодиёти А. ба капитали хорӣ хеле вобастагӣ дорад. Зиёда аз $^1/_3$ истеҳсолоти саноатӣ дар зери назорати капитали хорӣ буда, он соҳиби қитъаҳои калони замин (26 млн га) мебошад. Дар саноат ШМА ва Италия, дар х. қ. ва хоҷагии ҷангал Британияи Кабир мавқеи калон дорад. Дар х. қ. заминдории калони помещикӣ ҳукмфармост: 74,5%-и таҳ-

Галаи аспу хачир дар яке аз водиҳои Анд.



Ландшафти ободи Пампа дар музофоти Буэнос-Айрес.

моми фонди замин дар дасти 5,6%-и заминдорони хусусӣ мебошад; қариб $^2/_5$ саршумори гов ва зиёда аз $^3/_5$ саршумори гӯсфандон ба помещикон тааллуқ дорад. Заминҳои корам $^1/_5$ заминҳои х. қ.-ро ташкил дода, бо қимондаи он алафзору чарогоҳанд. Аз ғалладона асосан гандум, ҷуворимакка, сулӣ, ҷав ва ҷавдор, аз зироатҳои техникӣ офтобпараст, зағир ва пахта мекоранд. Дар х. қ. чорводорӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад. С. 1976 саршумори гов 55,8 млн ва гӯсфанд 34,8 млн буд. Ноҳияи асосии зироат ва чорводорӣ Пампа мебошад, ки дар ин ҷо истеҳсоли гандум, ҷуворимакка, зағир, офтобпараст, $^4/_5$ саршумори гов ва зиёда аз нисфи саршумори гӯсфанд гирд омадааст. А. аз ҷиҳати экспорти гандум (соле 3—4 млн т) дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Экспорти зағир ва офтобпараст низ дар иқтисодиёти А. роли калон мебозад. Дар Шим. А. найшакар, пахта, тамоку, шолӣ, йербамате (чои парагвай) меруяд; дар Ғ. боғдорӣ ва токдорӣ ривоҷ ёфтааст. Ҷангалзор (мувофиқи маълумоти ТДМ) 70 млн га ($^1/_4$ терр. мамлакат)-ро ишғол мекунад. Ноҳияҳои асосии чӯбтайёркунӣ: Энтре-Риос ва Гран-Чако. Дар обҳои назди соҳил, д.-ҳои Парана ва Уругвай моҳидорӣ равнақ ёфтааст.

95%-и арзиши маҳсулоти саноат ба саноати маҳсулотбарорӣ рост меояд. Саноати хӯрокворӣ ва сабук: гӯшт, вино, равғанкашӣ, консерв, бофандагӣ ва чарму пойафзол бештар тараққӣ кардааст. А. яке аз калонтарин экспорткунандагони гӯшт дар ҷаҳон аст. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ саноати мошинсозӣ, химияи нефть, истеҳсоли маҳсулоти нефть ва металлургияи сиёҳ тараққӣ кардаанд. $^1/_3$ маҳсулоти саноатиро саноати вазнин медиҳад. Саноати маъдани кӯҳӣ ҳам рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Маъданҳои полиметалл, вольфрам, оҳан ва уран истеҳсол менамоянд. Энергетикаи А. қариб пурра ба истифодаи нефту газ асос ёфтааст.

Дар ҳаёти А. нақлиёти баҳрӣ, р. о. ва автомобиль роли калон мебозанд. Р. о. давлатианд. Тӯли онҳо—40 ҳаз. км (1974). Тӯли умумии роҳҳои обии дохилӣ — 3 ҳаз. км. Бандари асосии баҳрӣ — Буэнос-Айрес. Аэропорти байналхалқӣ дар Эсейс. Қариб 90%-и экспорти А.-ро маҳсулоти х. қ. (ғалла, гӯшт, пӯст, пашм, равғани растанӣ, мева ва ғ.) ташкил медиҳад. А. аз хорича асосан мошин ва таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт, маъдани оҳан, ангишт, нефть мегирад. Шарикони асосии тиҷоратӣ: ШМА, Британияи Кабир, Италия, РФГ, Бразилия, Япония. Воҳиди пул — песо (100 песо = 0,11 сӯм).

Нигаҳдории тандурустӣ. Системаи нигаҳдории тандурустӣ аз секторҳои давлатӣ, хусусӣ ва тибби суғуртавӣ ташкил ёфтааст. С. 1966 дар А. 3353 беморхонаи дорои 141,2 ҳаз. кат (6,3 кат ба 1000 наф.), 31,8 ҳаз. духтур (1 духтур ба 713 наф.), 28,1 ҳаз. ҳамшираи тиббӣ ва 7092 доя буд. Дар байни аҳолӣ беморихои пӯст, меъадю рӯда, варача, бруцеллёз ва ҷоғари эндемикӣ зиёданд.

Маориф ва маданият. Аввалин мактабҳоро дар а. 16 миссионерони Испания ташкил карда буданд. Системаи мактаб пас аз эълон шудани истиқлолияти А. (1816) тадричан такмил меёбад. С. 1844 аввалин қонуни таълими ҳатмии ибтидой қабул гардид. Дар А. таълими ҳатмии бепулӣ ибтидоии бачагони аз 6 то 14-сола ҷорист. Мактабҳои хусусӣ низ бисьёранд. Системаи маорифи халқ аз муассисаҳои томактабӣ, мактаби ибтидой (7-сола) ва мактаби миёна (5-сола) иборат аст. Ба ҷумлаи мактабҳои олӣ 13 ун-ти давлатӣ ва 14 ун-ти хусусӣ, 3 ин-ти олии технологӣ, консерватория ва ғ. дохиланд. Калонтарин ун-тҳо: Ун-ти Буэнос-Айрес (таъсисаш с. 1821), Кордова (1913), Ла-Плата (1884) ва Санта-Фе (1919). Дар А. 44 китобхона (аз ҳама калонаш Китобхонаи Миллӣ, таъсисаш с. 1810), 41 музей, аз ҷумла Музеи илмҳои табиатшиносӣ, Музеи санъати бадеӣ ва ғ. ҳаст.

Аввалин муассисаҳои илмии А. дар а. 19 ба вуҷуд омаданд. Он вақт якчанд академияҳо ташкил ёфтанд, ки гурӯҳҳои хурди олимонро муттаҳид мекарданд. С. 1968 аз ин гуна

БАЙРАҚҲОИ ДАВЛАТИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚИИ СОВЕТИИ СОЦИАЛИСТӢ

Байраҳи давлатии СССР

РСФСР

РСС Украина

РСС Белоруссия

РСС Ӯзбекистон

РСС Қазоқистон

РСС Гурҷистон

РСС Озарбойҷон

РСС Литва



РСС Молдавия

РСС Латвия



РСС Қирғизистон

РСС Тоҷикистон



РСС Арманистон

РСС Туркманистон



РСС Эстония

БАЙРАҚҲОИ ДАВЛАТИИ МАМЛАКАТҲОИ ҶАҲОН

Австрия

Албания

Алҷазоир

Амиратҳои Муттаҳидаи Араб

Ангола

Андорра

Арабистони Саудӣ

Аргентина


Бангладеш

Барбадос

Баҳрайн

Бельгия

Бенин

Бирма

Боливия

Ботсвана

Бразилия

Британияи Кабир

Бруней

Булгория

Бурунди

Бутон

Венгрия

Венесуэла

Вольтаи Боло

Ватикан

Вьетнам

Габон


Гаити

Эзоҳ. Байраҳои давлатҳо ҳосилоти давлатҳо мувофиқи маълумотҳо то 1 октябри с. 1976 оварда шудаанд.

Ба мақолаи Байраҳои давлатӣ

Гайана

Гамбия

Гана

Гватемала


Гвинея

Гвинея-Бисау

Гвинея Экваториальная

Гондурас

Гренада

Дания

Заир

Замбия

Западная Нам

Индонезия

Ирландия

Ирак

Исландия

Испания

Израиль

Италия

Ассоциация Австралия

Камерун

Камбоджа

Канада

Кения

Кипр

Колумбия

Конго

Коста-Рика

Куба

Кувайт


Лаос

Лесото

Либерия

Либия

Лихтенштейн

Ливан

Люксембург

Маврикия

Мавритания

Мадагаскар


Малави

Малайзия

Мали

Малта

Мароканш


Мексика

Миср

Мозамбик

Монако

Мугуистан


Науру

Непал

Нигер


Нигерия

Нидерланд

Никарагуа

Норвегия

Панама

Папуа-Гвинея Нав

Парагвай

Перу

Пакистан

Польша

Португалия

Республика Африкан Маркази

Республика Африкан Чанубй

Республика Демократик Германия

Республика Доминикан

Республика Мальдив

Республика Федератив Германия

Республика Халқи Демократик Корея

Республика Халқи Демократик Йаман

Республика Йамани Араб

Руанда

Румыния

Сальвадор

Самоан Гарбй

Сан-Марино

Сан-Томе ва Принсипи

Свазиленд

Сенегал

Сингапур

Сомали

Социал Ч

Судан

Суринам

Сурия

Сьерра-Леоне

Таиланд


Танзания

Тогo

Тонга

Тринидад ва Тобаго

Тунис

Турция

Уганда

Умман

Уругвай

Филиппин

Финляндия

Фиджи


Франция

Хитой

Чад

Чехословакия

Чили

Швейцария

Швеция

Шри-Ланка

Штатхои Муттаҳидаи Америка

Эквадор

Эрон

Эфиопия

Югославия

Юнон

Ямайка

Япония


Катар

Урдун

Ҳиндустон

Чазирадои Багам

Чазирадои Диниҳои Сайз

Чазирадои Комор

Чазирадои Сейшель

академияҳо дар А. 13-то буд: 11-то дар Буэнос-Айрес (Академияи миллии илмҳои дақиқ, физика ва табиатшиноси, Академияи миллии ҳуқуқ ва илмҳои социология, Академияи адабиёти Аргентина, Академияи санъати нафиса ва ғ.) ва 2-то дар Кордова (Академияи миллии фанҳо ва Академияи миллии ҳуқуқ ва илмҳои социология).

Матбуот, радио ва телевизион. С. 1973 дар А. 453 газета, 408 журнал ва бештар аз 1500 номгӯй нашрияи даврӣ чоп мешуд. Калонтарин газетаҳое, ки дар Буэнос-Айрес чоп мешаванд: «Кларин» («Clarín»), ҳаррӯза, аз с. 1945; «Мундо» («El Mundo»), ҳаррӯза, аз с. 1938; «Насьон» («La Nasión»), ҳаррӯза, аз с. 1970; «Пренса» («La Prensa»), ҳаррӯза, аз с. 1869; «Расон» («La Razon»), ҳаррӯза, аз с. 1905; «Нуэстра Палабра» («Nuestra Palabra»), ҳаррӯза, аз с. 1950, органи ПКА. Агентии ахбороти ҳукуматӣ — ТЕЛАМ (1945 таъсис ёфтааст). Радио ва телевизион дар зери назорати ҳукуматанд. 137 радиостанцияи давлатӣ ва хусусӣ мавҷуд аст. Телевизион ибтидои с-ҳои 50 таъсис ёфта, 31 станция дорад.

Адабиёт. Фольклори қабилаҳои ҳинду то замони мо омада нарасидааст. Дар давраи мустамликавии А. (а-ҳои 16—19) адабиёти он дар зери таъсири адабиёти метрополия — Испания инкишоф меёфт. Дар солҳои ҷанги зидди Испания (1810—26) классицизми революционии ватандӯстона ҳукмрон буд (Б. де Монтеагудо, В. Лопес-и-Планес, Э. де Лука ва диг.). Баъди эълон шудани истиқлолият аввалин ҷараёни бадеӣ дар адабиёт романтизм гардид (Э. Эчеверриа, Х. М. Гутьеррес ва Д. Ф. Сармьенто). «Адабиёт ва назми гаучо» падидаи адабии хоси аргентинӣ шуда монд (Б. Идальго, И. Аскасуби ва Э. дель Кампо). Дар нимаи 2-юми а. 19 адабиёти «костумбристӣ» (панду ахлоқӣ) тараққӣ мекунад (Л. В. Лопес, Э. Вильде, К. Гидо-и-Спано). Пас аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва Рев. Октябрь дар Россия адабиёти А. ба марҳалаи нав дохил шуда, 2 пттиҳодияи калон ташкил меёбад: «гурӯҳи Флорида» (Лугонес, Х. Л. Борхес ва У. Васт) шиори «санъат барои санъат»-ро ҳимоя менамояд, «гурӯҳи Боэдо» (Р. Арльт ва А. Юнке) изҳор мекунад, ки «санъат барои ҳаёт» аст. Хусусиятҳои ҳаёти миллӣ дар романҳои иҷтимоии Б. Линч ва Р. Гуиральдес инъикос меёбанд. Дар назм ҷараёнҳои гуногуни авангардизм ва зидди мещанӣ паҳн мешавад. Романҳои Э. Сабато, Э. Мухики Лайнес ва Х. Бьянко аз нуқтаи назари санъати модернистии ҳозиразамон навишта шудаанд. Романнависон Э. Л. Кастро, Б. Вербицкий, К. Руис Доде, шоирон Л. Герреро, Х. Педрони, драматургҳо О. Драгун ва А. Кусани, мунаққиди марксист Э. Агости ва диг. намояндагони равияи тараққипарвару реалистонаи адабиёт мебошанд. С. 1973 дар А. нашри асарҳои сиёсӣ, таърихӣ ва социологӣ ривоҷ меёбад. Аз ин қабил асарҳо асари Ф. Надра «Социализми миллӣ», асари М. Лебединский «Марксизм-ленинизм дар назди ревизионизми «чап» ва майлони рост», А. Бигнани «Санъат, идеология ва ҷамъият» ва ғайраро номбар кардан мумкин. Дар адабиёти бадеӣ ҳаёти иҷтимоӣ бештар инъикос мегардад.

Дар курорти Мардель-Плата.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Шаҳрҳои дар давраи мустамликадорӣ сохташуда (Буэнос-Айрес, Кордова ва Санта-Фе) кӯчаҳои рост ва майдони асосӣ доранд, ки дар он калисои ҷомеъ ва бинои ратуша ҷой гирифтааст. Дар калисоҳо (меъморон Ф. Лемер, Х. Краус, А. Бланки ва Х. Б. Примоли) дарҳои чӯбин, минбарҳо ва панҷараҳои кандакории ҳиндуҳои қабилаи гуаранӣ гузошта шудаанд. Дар а. 19 санъати наққошии реалистӣ (П. Пуэйредон ва Э. Сивори) ва ҳайкалтарошӣ (Л. Корреа Моралес) ба вуҷуд омад. Дар а-ҳои 19—20 шаҳрсозӣ вусъат ёфта, дар миёнаи а. 20 санъати меъмории ҳозиразамон (А. Вирасоро, А. Вильямс ва К. Теста) тараққӣ мекунад. Дар с-ҳои 30 равияи «реализми нав» (рассомон Х. К. Кастаньино, А. Берни ва Л. Э. Спилимберго, графикҳо А. Р. Виго ва А. Бриес) ба вуҷуд омада, масъалаҳои тезутунди иҷтимоиро ба миён мегузорад.

Мусиқӣ ва театр. Сарчашмаи мусиқии ҳозираи А. бо маданияти мусиқии Испания зич алоқаманд аст. Дар тараққиёти мусиқии креолӣ санъати халқҳои Англия, Франция ва Польша низ роли калон бозидааст. Аз асбобҳои мусиқӣ гитараи 6-тораи испанӣ маъмул аст. Мактаби миллии мусиқӣ охирҳои а. 19 ташкил ёфт. Асосгузори ин мактаб А. Вильямс мебошад, ки ба консерватории Буэнос-Айрес ҳам ӯ асос гузоштааст. Бастакорони намоёни ҳозираи А.: К. Гуаставино, А. Хинастер, Х. Кастро, Х. Пас ва диг.

Аввалин театри доимӣ дар Буэнос-Айрес («Хонаи мазҳака» ё «Ранчерия») с. 1783 ташкил шуд. С. 1804 театри «Колисеои Хурд» (аз 1838 «Архентино») сохта шуд. Дар нимаи 2 а. 19 бисьёр театрҳо кушода шуданд. С-ҳои 20 коллективҳое ба вуҷуд омаданд, ки дар роҳи ташкили санъати театри миллӣ ва тарбияи кадрҳои миллии актёрҳо, режиссёрҳо ва драматургҳо мекӯшиданд. Драматургҳои намоёни а. 20 инҳоанд: А. Кусани, К. Горостиса, А. Берруни ва диг. Марказаи ҳаёти театрӣ Буэнос-Айрес буда, дар ин ҷо «театрҳои мустақил» — «Эль-Пуэбло», «Ла-Маскара», «Фрай Мочо», Театри миллии мазҳака, «Архентино» ва ғ. кор мекунанд. Дар А. санъати кино тараққӣ кардааст. Маҳсули асосии кино аз мазҳакаи мусиқӣ ва мелодраман сохтаи романтикӣ иборат аст. Кинорежиссёрҳои намоён: Л. Демаре, У. Дель Карриль ва Р. Виньоли Баррето.

Ад.: Волков А. В., Аргентина, М., 1956; Лукашова Е. Н., Южная Америка, М., 1958; Вольский В. В., Латинская Америка, нефть и независимость, М., 1964; Гонионский С. А., Очерки новейшей истории стран Латинской Америки, М., 1964; Марианетти Б., Аргентина. Современное положение и перспективы, М., 1966; Полевой В. М., Искусство стран Латинской Америки, М., 1967.

АРГЕНТИНИҲО, миллат, аҳолии асосии Аргентина. Тақрибан 24,4 млн (1970). Забонашон испанӣ. Диндорон католик. А. авлоди испанҳо, инчунин диг. муҳоҷирони европоянд. Дар нимаи 2-юми а. 19 муҳоҷирони бисьёре аз Италия, Испания, Франция, Россияи подшоҳӣ ба Аргентина омада, бо аҳолии маҳаллӣ омехта шуданд. Миллати А. асосан ибтидои а. 20 ташаккул ёфт.

Ад.: Народы Америки, т. 2, М., 1959.

АРГЕНТИТ (лот. argentum — нуқра), минерал, форм. химиявиаш Ag_2S. Таркибаш аз 87,1% Ag ва 12,9% S иборат аст. Дар системаи кубӣ кристалл мебандад, кристаллаш кам дучор мешавад. Асосан дар шакли заррaҳо, мӯяҳои борики баҳам часпида, хока ва ғ. вомехӯрад. Рангаш аз сафеди сурбмонанд то сиёҳи зардчатоб. Сахтиаш 2—2,5; зичиаш 7200—7400 кг/м³. А. бо диг. минералҳои нуқра дар конҳои нуқра ва баъзан дар таркиби маъданҳои кобальту никель, сурбу руҳ вомехӯрад. А. аз минералҳои муҳими нуқра аст.

АРГИЛЛИТ (юн. argillos — гил ва lithos — санг), ҷинси гилии сангмонанд, ки дар натиҷаи сахт фишор хӯрдан, зич шудан, беобшавӣ (дегидратация) ва цементшавии гилҳо ба

вуҷуд меояд. Таркиби А. ба гил наздик буда, аз он бо сахтӣ ва дар об ҳал нашудан фарқ мекунад. Асосан аз минералҳои гилин навъи гидроабраҚӣ, монтмориллонитӣ ва хлоритӣ, ки омехтаи заррачаҳои кварц, абрак, шпатҳои даштӣ доранд, таркиб ёфтааст. Ба мисли гил қабатҳои ғафс ё тунуки тахта-тахтаро ташкил медиҳад. А. ба ноҳияҳои геосинклиналии чиндор мансуб буда, дар байни чинсҳои таҳшини чуқурхобидаи платформа ҳам дучор мешавад.

АРГИШТИХИНИЛИ, шаҳр дар Урарту. Дар замони Аргишти 1 (таҚр. 776 то м.) сохта шудааст. Харобаи А. дар р-ни Октемберяни РСС Арм. воҚеъ. МувофиҚи маълумоти навиштаҚоти мехӣ урартҳо водии Араратро забт намуда, ҚалъаҚасру ибодатхонаҳо сохта, гирду атрофро ба боғу токзор табдил доданд. Дар ин ҷо а. 4 то м. ш. Армавир — пойтахти Арманистони Қадимсохта шуд.

АРГО (франс. argot), тарзи гуфтори аҳли ягон табаҚаи ҷамъият, ки ба маҳалле алоҚаманд нест; аниҚтараш забони табаҚаҳои ғайрисинфии ҷамъият ва бинобар ин А.-ро забони махсуси ҳарбиён, шикорчиён, спортсменҳо, савдогарон, дуздону ҚартабозонВа ғ. низ меГӯянд. А. таърихан аз лаҳҷаи гуфтори савдогарони оворагард ва косибон пайдо шуда, ба машғулияту пешаи одамон пайвастагии зич дорад. А. системаи алоҳидаеро ташкил надода, дар қолиби ифодаи забони умумӣ истифодаи махсуси калимаҳо мебошад ва бо *жаргон* ва забони гуфтугӯй алоҚаманд буда, ҷиҳати махсуси лексикиро ташкил медиҳад. А. дар забони адабиёти бадеӣ ҳамчун воситаи характеристикаи услубӣ, махсусан дар нутҚи персонажҳо ва баъзан дар нутҚи муаллиф ҳангоми нақли батафсил истифода мешавад.

Ад.: Стратен В. В., Арго и арготизмы, дар мачм.: «Тр. комиссии по русскому языку АН СССР», т. 1, Л., 1931; Жирмунский В. М., Национальный язык и социальные диалекты, Л., 1936; Скворцов Л. И., Жаргонная лексика в языке современной художественной литературы, дар мачм.: «Вопросы культуры речи», вып. 7, М., 1966.

Т. Хаскашев.

АРГОН (лот. Argon), Ar, элементи химиявии гурӯҳи VIII системаи даврии Менделеев, мансуби *газҳои инертӣ;* рақами ат. 18; массаи ат. 39,948; зичиаш 1,7839 кг/м³ (дар 0° С ва 101325 Па); t гуд. —189,3° С; t ҷӯш —185,9° С. Ранг, бӯй ва маза надорад. А.-ро Ҷ. Рэлей ва У. Рамзай кашф кардаанд (1894). А. 0,93% ҳаҷми атмосфераи Заминро ташкил медиҳад. А.-и атмосферӣ се изотопи собит: ^{36}Ar (0,337%), ^{38}Ar (0,063%) ва ^{40}Ar (99,600%) дорад. Миқдори изотопи ^{40}Ar дар табиат аз он сабаб нисбатан зиёд аст, ки он дар натиҷаи таҷзияи радиоактивии калий (^{40}K)-и табиӣ ҳосил мешавад. Молекулаи А. якатома аст. Атомҳои А. пайвастҳои валентӣ надоранд, аммо пайвастҳои клатратӣ, мас., $Ar \cdot 6H_2O$ ҳосил карда метавонанд. Дар саноат А.-ро аз ҳаво ҷудо мекунанд. А.-ро дар саноати химия барои ҳосил кардани муҳити инертӣ, инчунин барои пур кардани лампочкаҳои электр ва найчаҳои аргонии рекламаҳо, гудозиши металлҳои гуногун (Ti, W, Zr ва ғ.) истифода мебаранд.

О. Қ. ҚурбоновВ.

АРГУЛЕЗ (Argulosis), касалии моҳӣ, ки харчанги Argulus меангезад. Дар обҳои ширини СССР 3 намуди паразити харчанги касалиангез (A. coregoni, A. japonicus, A. foliaceus) дучор меояд. Махсусан намуди A. foliaceus барои моҳиёни ҳавзу обанбор хавфнок аст. Харчанг аз пӯст, бол ва ғалсамаи моҳӣ хун мемакад.

Муолиҷа: моҳиҳои касалро ним соат дар ваннаҳои дуқабатаи маҳлули перманганати калийдор (0,001%) нигоҳ медоранд.

Ад.: Курс болезней рыб, М., 1966.

АРГУМЕНТ (лот. argumentum — асос), 1) ақидае (ё маҷмӯи ақидаҳои ба ҳам алоҚаманд), ки барои исботи дурустии ақидаи диг. (ё системаи ақидаҳо, нуқтаи назар, назария ва ғ.) оварда мешавад. 2) А.-и функция (дар математика ва мантиқи математикӣ)— тағьирёбандае, ки қимати *функция* ба қимати он вобаста аст. 3) А.-и адади комплексии $z = x + iy = r(\cos\varphi + i\sin\varphi)$, ки дар ҳамворӣ бо нуқтаи координатаҳояш x ва y тасвир мешавад — кунҷи φ-и байни радиус-вектори r-и ин нуқта ва меҳвари абсцисса.(4) А. дар фалсафа, ниг. *Далел.*

АРГУМЕНТИ АРЗ (дар астрономия), бузургие, ки мавқеи ҷирми осмониро дар мадор муайян мекунад; кунҷи байни хати гиреҳҳо ва радиус-вектори ҷирм; А. а.-ро аз гиреҳи фарози мадор ба самти ҳаракати ҷирм ҳисоб мекунанд.

АРГУНОВСКАЯ Евгения Васильевна (тав. 23.4.1926, Тошкент), актрисаи советӣ, Арт. ХалҚии РСС Тоҷ. (1974). С. 1950 шӯъбаи актёрии Ин-ти давлатии театрии ба номи Островскийро (Тошкент) хатм кард ва аз ҳамон вақт инҷониб дар Театри давлатии драмаи русии ба номи Маяковскии ш. Душанбе кор мекунад. А. бештар рольҳои драмавиро ичро карда, ҷиҳатҳои эмоционалию психологии образҳоро бо камоли назокат таҷассум менамояд. Хусусан, ичрои роли Бибизайнаб (дар спектакли «Достони Бибизайнаб»-и С. Саидмуродов, 1965) муваффаҚияти эҷодии ӯст. Ӯ образи аввалин зани тоҷикро, ки урфу одатҳои бой-феодалиро рад карда, дар катори мардҳо барои ҳимояи Ҳокимияти Советӣ яроҚ ба даст мегирад, хеле боварибахш ва ҷозибанок офаридааст. А. рольҳои зеринро ичро кардааст: Марьяна («Масъалаи шахсӣ»-и А. П. Штейн, 1956), Зулфия («Фоҷиаи Усмонов»-и Мирсаид Миршакар, 1957), Машенька (асари ҳамноми А. Афиногенов, 1959), Моника («Як нафар ҳам ҷанговар аст»-и Дойльд-Михайлик, 1961), Нина («СадоҚат»-и Н. Погодин, 1962), Зина («Палата»-и С. Алёшин, 1964), Нюра («Рӯзи никоҳ»-и В. С. Розов, 1965), Ирина («Падаратро ҳурмат кун»-и В. В. Лаврентьев, 1967), Калугина («Ҳамкорон»-и Э. В. Брагинский ва Рязанов, 1972), Варвара («Мерос»-и А. В. Софронов, 1974), Кабато («Хонума»-и А. А. Цагарели, 1975), Вера («Одамони пурғайрат»-и Шукшин, 1976) ва ғ. А. лауреати Мукофоти комсомоли ленинии Тоҷикистон (1967) мебошад.

Аргуновская дар рольҳои: аз чап — Бибизайнаб «Достони Бибизайнаб»-и С. Саидмуродов, 1965, аз рост — Алёнушка («Гули арғувон», 1952).

АРГУ́НЬ, дарьё дар терр. СССР ва Хитой. А. бо д. Шилка якҷоя д. Амурро ташкил медиҳад. Тӯлаш 1620 км, масоҳ. ҳавзааш 164 ҳаз. км². А. аз к-ҳои Хингани Калон (Хитой) оғоз ёфта, саргаҳаш Хайлар ном дорад. Дарьё аз кӯҳсор гузашта, дар водии васеъ ҷорӣ мешавад. Манбааш — асосан боронҳо. Дар давраҳои серборишҳо ҳавзаи кӯли Далайнор ҳамроҳ мешавад. Шохобҳои асосиаш аз чап — Урюмкан, Газимур; аз рост — Гэньхэ, Нюэрхэ. Дар А. киштигардӣ доимӣ нест. А. аз моҳӣ бой буда, қариб 60 хели он мавҷуд аст.

«АРДАВИРОФНОМА» [паҳл.: Артак Вираф-намак, яъне номаи (китоби) Вирофи барҳаК], яке аз осори динии адабиёти бостонии халҚҳои эронинажод, ки аз тарафи муаллифи номаълуме дар а-ҳои 6—7 ба забони паҳлавӣ навишта шудааст. «А.» дар якчанд вариантҳо то замони мо расидааст, ки мундаричаи ҳар кадом то андозае аз якдигар фарқ дошта, таълифашон ба асрҳои гуногун рост меояд. ҚадимтаринНусхаи «А.» матни позанд буда, аз ҷиҳати бандубасти композиционӣ ва робитаи байниҳамдигарии мантиқии фаргард (боб)-ҳо мукаммалу пурратар мебошад. Мундаричаи варианти паҳлавӣ, ки дар ду нусха ба мо расидааст ва варианти форсӣ-дарии «А.» («А.»-и

манзум) бо баъзе маълумоту иловаҳо афзуда шудааст. Матни паҳлавӣ замони ривояти мазкурро «давраи таназзули дину эътиқод» муқаррар мекунад. Мувофиқи нусхаи позанд ривояти мазкур ба давраи ҳукмронии Виштосп, ҳамоно баъди мурдани Зардушт, тааллуқ доштааст. Нусхаи тарҷумаи форсии «А.» («А.»-и манзум) замони ин ривоятро ба давраи Ардашери Бобакон мансуб мешуморад. Ин нусхаро дар нимаи дуюми а. 13 Баҳроми Пажду дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ба назм даровардааст. Тарзи баёни «А.»-и манзум содда буда, таъсири забони арабӣ хеле кам аст. Дар он истилоҳоти динию мазҳабӣ ва нуҷумии паҳлавӣ фаровон истифода шудаанд. Онро муаллиф мувофиқи талаботи замонаш тағйиру такмил додааст. Бисьёре аз матлабҳои «А.»-и паҳлавӣ дар «А.»-и манзум афтидаанд ё онҳоро муаллиф ба андарзу муноҷотҳо иваз кардааст. Тартиби фаргардҳо ҳам то андозае дигар шудааст. «А.»-и паҳлавӣ дар давраи табаддулоти ҳаёти иҷтимоӣ ва азнавсозиҳои сиёсиву иқтисодӣ дар Эрон ба вуҷуд омада, пеш аз ҳама ба муқобили шаккокон нигаронида шудааст ва характери тарбиявӣ-динӣ дорад. Сюжети «А.» аз баёни сафари тахайюлии Вироф ном мӯбади Зардуштӣ бо ҳамроҳонаш Суруш (фаришта ва қосиди худо, ки шабонгоҳ диндоронро посбонӣ мекунад) ва Атур (ё Озар, рӯҳи оташи муқаддас) ба он дунёё иборат мебошад. Вирофро гӯё ҷамоаи магубадон (мӯбадон) ба туфайли комилияти донишу динӣ ва ахлоқиаш фиристодаи заминиён ба он дунёё интихоб мекунанд: Вироф дорои беҳушӣ хӯрда ба хоби гарон рафт. Рӯҳи ӯ ба он дунёё парвоз кард, то ки аз барҳақии дини зардуштӣ барои мардум далел орад. Рӯзи ҳафтум рӯҳи Вироф ба замин баргашта, ӯ бедор шуд. «А.» аз дебоча ва фаргардҳои алоҳида иборат аст. Муҳимтарин қисмати «А.»-ро гуфтори Вироф ташкил медиҳад, ки ғояи асар низ дар он падид меояд. Дар дебочаи «А.» дар бораи таъриҳи дини зардуштия сухан меравад. Ҳар як фаргарди «А.» ба гуноҳи алоҳидае бахшида шуда, подошу ҷазои он низ дар айни замон гуфта мешавад. Сюжети «А.» ба «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ва «Рисолат-ул-ғуфрон»-и Абулъалои Маарриӣ монанд аст. Баъзе олимон (мас., Ҷ. Тавадия) ба «А.» монанд будани сюжети «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро таворуди адабӣ ва бархе дигар иқтибос медонанд. Дар ҳар ду асар ҳам тасвири дӯзах нисбат ба биҳишт муфассалтар аст. Дар «А.» ойинҳои оташпарастӣ ва зардуштӣ ба ҳам омехтаанд, ки ин ҳолат ба давраи ба дини ягонаи давлатӣ расидани дини зардуштия рост меояд. Таъсири ҷараёни маздакия дар «А.» равшан мушоҳида мешавад. Дар «А.» унсурҳои адабиёти шифоҳӣ ва анъанаҳои адабиёти хаттӣ ба ҳам омехтаанд. Вале унсурҳои адабиёти шифоҳӣ (махсусан дар дебоча ва дар гуфтори Вироф) бештар аст, ки ба асоси халқӣ-фольклорӣ доштани ривоятҳои он далолат мекунанд. Мавҷудияти суханони вирди забон, образ, воситаҳои ифодаи фольклорӣ (ҳамчун монологу диалог), бадеиёти мӯҷаз қимати бадеии асарро зиёд кардаанд. «А.» аз ҷиҳати баландии пояи маданияти сухан ва мукаммалии композицияю тарзи баён нисбат ба тамоми осори адабиёти давраи Сосониён пурратар мебошад. Тасаввуроти эсхатологӣ (ондуньёӣ), ки дар асар тасвир шудааст, аз масъалаҳои марказии дини зардуштия буда, ба бисьёр осори адабии динии Шарқи Наздик ва Миёна (махсусан ба адабиёти динии исломии арабӣ) таъсири калон расондааст. «А.» бо вуҷуди таълифоти динӣ буданаш аз унсурҳои бадеӣ саршор ва чун намунаи осори адабиёти қадим муҳим аст. «А.» ба забонҳои санскрит, гуҷаротӣ, англисӣ тарҷума шудааст. Тарҷумаи дубораи гуҷаротии «А.»-ро Рустам Пешотан ном шахсе бо суратҳо (минётурҳо) оростааст. «А.» барои тадқиқи ҳаёти ҷамъиятии давраи феодализми мутараққии Эрони Сосонӣ манбаи муҳим ба шумор меравад.

Ад.: Клима О., История авестийской, древнеперсидской и среднеперсидской литературы, дар кит.: Ян Рипка, История персидской и таджикской литературы, М., 1970.

М. Диловаров Б. Г. Бобохонов, Ш. Асроров.

АРДАШЕ́РИ I (дар порсии қадим (artaxasaθra», дар паҳлавӣ «Artaxsir», ки аз «арта»— муқаддас, дурусткор ва «хашара»,— шаҳр, шаҳриёр аст, яъне шаҳриёри муқаддас), шоҳи Эрон (465—424 то м.), писари *Хашиёршоҳ* аз сулолаи *Ҳахоманишиён*. Чанде аз муаррихони юнонӣ (Денон ва ғ.) ба ӯ лақаби «Makrocheir»-ро додаанд, ки дароздастро мефаҳмонад. Денон онро барои ифодаи иқтидори салтанати А. I истифода мебурд, вале баъдтар дигарон ӯро дар ҳақиқат дароздаст мепиндоштанд. Пас аз қатли Хашиёршоҳ *Артабон* А. I ҷавонро ба тахт шинонда, муддате худ шоҳи ҳақиқӣ буд ва мехост, ки А. I-ро низ аз байн бардорад, вале худ дучори марг шуд. А. I баъди қатли Артабон қарор дод, ки бародари худ Виштасп—волии Бохтарро низ аз миён бардорад. С. 462 то м. қӯшуни зиёде бар зидди бародараш фиристода, ӯро мағлуб намуд. Ин фатҳ салтанати А. I-ро дар Эрон устувор намуд. А. I барои он, ки аз ҷангҳои дохилӣ эмин бимонад, як қатор ислоҳот гузаронид. Он волиёнеро, ки бар зидди ӯ буданд, иваз намуда, тарафдорони худро ба мансаб расонд. Сипас ислоҳоти молиявӣ ва ҳарбӣ гузаронид. Дар саросари салтанати А. I ошӯбҳо рӯй медоданд ва ӯ сиёсати *Куруши Кабир* ва *Дороро* идома дода, бо яҳудиён муросо ва бо юнониён равобити фарҳангӣ барқарор кард. Ин замоне буд, ки муаррихону донишмандони юнонӣ ба Миср, Бобулистон ва Эрон сафар карда, бо таъриҳи илми Шарқ шинос мешуданд ва онро таргиб мекарданд. Ин давраест, ки Геродот «Гардиши ҷаҳон»-ро таълиф намуд. Дар аҳди А. I мисриён бо дастгирии афиниҳо шӯриш бардошта, Инарусро подшоҳи худ баргузиданд. А. I барои пахши шӯриш қӯшуне бо сардории амаки худ Ҳахоманиш фиристод. Даставвал қӯшуни Эрон шикаст хӯрд. Пас А. I Артабоз — волии Кликия ва Маговиз — волии Сурияро маъмур кард, ки ба кӯмаки эрониёни муҳосир биштобанд. С. 454 то м. ба қуввaҳои муттаҳидаи мисриён ва юнониён зарба зада шуд. Шӯриши Миср шаш сол тӯл кашид ва пас аз ин Миср боз тобеи Эрон шуд. А. I ходими давлатии Афина Фемистокльро, ки баъди муҳорибаи Саламин (ниг. *Ҷангҳои Юнону Форс* 500—449 то м.) дар Эрон шӯҳрати зиёд дошту тарки Юнон карда буд, дар дарбори худ панаҳ дод. Дар достонҳо А. I-ро шоҳи раиятпарвару дурусткор хондаанд. А. I дар ибтидои салтанат дар Шуш мезист, вале баъдтар Бобулро ихтиёр кард. Дар салтанати А. I модараш Аместрис ва хоҳараш Аметис нуфуз доштанд. Аз А. I осори зиёд боқӣ намондааст, фақат дар рӯи се гулдон исми ӯ навишта шуда, катибае дар Тахти Ҷамшед, ки ба забони бобулист, ба ӯ мутааллиқ аст. *А. Ҷалилов, А. Боғбон.*

АРДАШЕ́РИ II, шоҳи Эрон (405—358 то м.) аз сулолаи *Ҳахоманишиён*, писари *Дорои II*. Дар муборизаи барои ҳокимият ба бародараш Куруши Хурд ғолиб омад. Бо Спарта ҷангҳои тулонӣ карда, с. 394 то м. флоти онро дар назди Книда торумор намуд. Мувофиқи шартҳои *сулҳи Анталкид* (с. 386 то м.) ҳамаи шаҳрҳои юнонии Осиёи Хурд аз нав ба итоати империяи Ҳахоманишиён гузашт. Дар аҳди А. II. шӯришҳо рӯй медоданд ва пишонаҳои таназзули давлат ба назар мерасид. *А. Ҷалилов.*

АРДАШЕ́РИ III, шоҳи Эрон (358—338 то м.) аз сулолаи *Ҳахоманишиён*, писари *Ардашери II*. Баъди қатл кардани бародарони бузургаш, ки худ ҳам иштирокчии он буд, шоҳ шуд. Барои мутамарказӣ ва таҚвияти давлати Ҳахоманишиён фаъолона мекӯшид. Ба волиҳо нигоҳ доштани қуввaҳои ҳарбии кирояро манъ кард, якчанд шӯришро дар Кипр, Финикия ва Осиёи Хурд пахш намуд. С. 341 то м. Мисрро аз нав ба империя ҳамроҳ кард. С. 338 то м. хоҷасарой Бағой ӯро кушт. *А. Ҷалилов.*

АРДАШЕ́РИ БОБАКО́Н (тав. таҚр. 180 — ваф. 22. 9. 239, мувофиқи маълумоти дигар — 241), шоҳи Эрон (226—241), муассиси сулолаи *Сосо-*

киён. Писари Попак (Бобак) ва наберааи Сосон — яке аз қоҳинони Истахр. Бобак аз мавқеи ичтимоии худ истифода бурда, писараш Ардашерро дар Доробгирд ба мақоми олии низомӣ расонд. А. Б. чанде шоҳони Форсро маглуб ва ҳалок карда, мулки онҳоро соҳиб шуд. Дар ҳамин вақт Бобак бар ҳокими Истахр Гавчеҳршоҳ шӯрида, макони ӯ «Кохи Сафед»-ро тасарруф кард. Гавчеҳршоҳро кушта, худ ба салтанат нишаст. Баъди марги Бобак писари калонии ӯ Шопур ба тахт нишаст. Миёни Шопур ва А. Б. низоъ афтод. Шопур ногаҳонӣ фавтид ва бародарон тахту тоҷро ба А. Б. тақдим карданд. А. Б. пас аз чанде барои ҷилавгирӣ аз хиёнат ва шӯриши бародарон фармуд, ки онҳоро ба қатл расонанд. Пас аз он ба тасарруфи кишварҳои ҳамсоя пардохта, Кирмон, соҳилҳои халиҷи Форсро ҷузъи қаламрави худ намуд. Оқибат байни Ардашер ва шоҳаншоҳи Ашкониён Артабони V ҷанг ба амал омад. Артабони V ба ҳокими Аҳвоз (Хузистон) фармуд, ки бар ҷанги зидди А. Б. дар ояд. Аммо А. Б. фурсате надода, Исфаҳон, Аҳвоз ва вил. хурди Мисенро, ки дар резишгоҳи Дачла ва соҳили хал. Форс воқеъ буд, тасарруф намуд. 26 апр. 224 дар ҳамвории Ҳурмуздагон байни А. Б. ва Артабони V ҷанги шадиде рӯй дод ва А. Б. Артабони V-ро кушта, сулолаи Ашкониёнро барҳам дод. С-ҳои 226—227 маросими тоҷгузории А. Б. барпо гардид ва ӯ унвони «шоҳаншоҳ»-ро гирифт. Пас ба тасхири кишвари Мод, ш. Ҳамадон, Озарбойҷону Арманистон пардохта, Сакистон, Абҳаршаҳр (Хуросони ҳозира), Марв, Хоразм, Балхро тасарруф намуд ва бо ҳамин қудрати худро дар ноҳияҳои Шарқ вусъат дод. Мувофиқи маълумоти Табарӣ шоҳони Кушон, Турон ва Макурон (ноҳияе дар соҳили хал. Утмин ва уқ. Ҳинд) шоҳаншоҳии ӯро шинохтанд. Салтанати А. Б. дар он замон Эрон, Афгонистон, Балуҷистон, Марву Хоразмро дарбар гирифта, ҳадди шим. ба Ҷайҳун ва ғарбӣ ба Бобулу Ироқ мерасид. Ш. Тайсафун (Мадоин)-ро пойтахти давлати Сосониён баргузид, вале қароргоҳи А. Б. дар ш. Гур (Фирӯзободи ҳозира) буд, ки он ҷоро «Ардашерхура» номида, боғҳо ва гулистонҳои рӯҳафзо бунёд кард. Дар айёми ҷавонӣ дар ин макон қасре ҳам сохт, ки осори вайронаи он то ҳанӯз боқист. Ин қаср яке аз аввалин биноҳои тоқдори Эрон буд. Давлати муқтадире, ки ӯ пойдор кард, ҳама қавмҳои Эронро муттаҳид намуда, ба империяи Рим рақобат мекард. Тамаддуни Сосонӣ агарчӣ думболаи тамаддуни Ашконӣ буд, вале мукаммал ва муҷаддиди он ҳисоб меёфт. А. Б. барои вусъати ёдгориҳои моддӣ ва маънавии кишвар кӯшидааст. Дар аҳди А. Б. шаҳрҳои нав қомат меафрохтанд (Ваҳардашер, Ардашерхура, Рноардашер, Ромардашер) ва ҳаёти ичтимоию сиёсӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Бо мурури замон саргузашти ин подшоҳ сурати афсона гирифтааст. Дар «Корномаи Ардашери Попакон», ки шарҳи аъмол ва афъоли А. Б. дар он мундариҷ аст, матолибе дида мешавад, ки мутааллиқ ба ҳикояти *Куруши Кабир* аст. А. З., бино ба маълумоти «Форснома»-и Ибни Балхӣ, 44 солу 10 моҳ подшоҳӣ кард, аммо муддати 30 сол дар ҷанги мулуки Таванф гузашт то ҳама душманонашро аз байн бардошт ва муддати 14 сол шоҳаншоҳи Эрон буд. *А. Ҷалилов, А. Боғбон.*

АРДАШЕРИ ЧАНГӢ اردشیر چنگی Муҳаммад ибни Ардашер (с. тав. ва ваф. номаълум), бастакор, машшоқи а-ҳои 15—16. Дар Ҳирот таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Санъати мусиқӣ, аз ҷумла ҳунари чангнавозиро дар назди Мираки Чангии Бухорӣ (а. 15) омӯхт. А. Ч. ба мақомҳои «Буслик», «Наво», «Сегоҳ», ба вазнҳои «Даври шоҳӣ», «Зарб-ул-фатҳ», «Туркзарб» асарҳои мусиқии «Савт», «Амал», «Кор», «Савт-ул-амал»-ро эҷод кардааст. *А. Рачабов.*

АРЕАЛ (лот. área—майдон, фазо), минтақаи паҳн шудани ягон намуд, авлод ё диг. гурӯҳҳои систематикии растанӣ ё ҳайвонот. А. космополитӣ (ҳамачоя) ва эндемӣ (минтақавӣ) мешавад. Ҳудуди А. ба иқлим, замин, рельеф, омилҳои биологӣ ва бештар ба таъсири якҷояи ҳамаи онҳо вобаста аст. Хурд шудани ҳудудҳои А. ба тағьири шароит, тоқатовариии намуд ва фаъолияти одам вобаста мебошад. Гурӯҳҳои растанӣ ё ҳайвоноте, ки қариб дар тамоми олам паҳн шудаанд А.-и космополитӣ ё ҳамачояро ташкил медиҳанд. Ба А.-и эндемӣ ё минтақавӣ гурӯҳҳои дар ҷойҳои на он қадар калони замин паҳншуда дохил мешаванд. Омӯзиши А. барои тартиб додани харитаҳои геоботаникӣ, зоогеографӣ ва иқтисодӣ зарур аст. Харитаҳои А.-ро барои аниқ кардани ҷойгиршавӣ ва паҳншавии растанӣ, ҳайвонот, зараркунандаҳои хоҷагии қишлоқ, ҷангалзор ва ғ. истифода мебаранд. Дар харитаҳо ҳудуди А.-ро бо хати бефосила, нуқта-нуқтаҳо, ранга кардан ё штрихонидан ишора мекунанд.

АРЕКИПА (Arequipa), шаҳр дар ҷан. Перу. Маркази маъмурии департаменти Арекипа. Аҳол. 194,7 ҳаз. наф. (1970). Аз ҷиҳати аҳолӣ баъди Лима ва Кальяо сеюмин шаҳри мамлакат. Маркази савдою саноат (бофандагӣ, чарм, хӯрокворӣ, химия) ва маданияти Перуи Ҷанубӣ. Ун-т дорад. А.-ро с. 1540 испаниҳо бунёд кардаанд.

АРЕОМЕТР (юн. araios—суст, дар ин ҷо — моеъ, metreo — чен мекунам), асбобест барои чен кардани зичии моеъ ва ҷисмҳои сахт. А. дар асоси қонуни Архимед сохта шудааст. А.-ҳо ду навъ мешаванд: собитвазн ва собитҳаҷм. Бо А.-ҳои собитвазн зичии моеи тадқиқшавандаро аз рӯи дараҷаи ба моеъ ғӯтидани А., ки ҳаҷми моеи фишурда баровардаи онро нишон медиҳад, муайян мекунанд. Ба А.-ҳои собитвазн (расми 1) А.-ҳои шкалаашон бо воҳидҳои зичӣ дараҷа басташуда: лактоденсиметр (барои чен кардани миқдори равғани шир), спиртометр (барои чен кардани миқдори спирт дар об), сахарометр (барои чен кардани миқдори қанди шарбат) ва ғ. мансубанд. Денсиметрҳоро аз шиша ё металл (барои ҳарор.-ҳои баланд) месозанд. А.-ро одатан барои ягон ҳарор. муайян (дар асбоб нишон дода мешавад) дараҷа мебанданд. Бо А.-и собитҳаҷми палладор (расми 2) зичии ҳам моеъ ва ҳам ҷисмҳои сахтро чен мекунанд. Дар ин навъ А. ҳаҷми қисми ба моеъ ғӯтидаи он як хел мемонад. Барои чен кардани зичӣ А.-ро ба моеъ то аломати гирда, ки ҳаҷми моеи фишурда баровардаи онро нишон медиҳад, меғӯтонанд. Зичиро аз рӯи массаи сангҳое, ки ба паллаи А. барои то аломати гирда ғӯтидани он гузоштан лозим мешавад, муайян мекунанд.



Расми 1. Денсиметр: 1 — тана, 2—найча, 3—порсанг, 4 — моддаи дар об ҳалнашаванда, 5—шкалаи зичӣ, 6 — термометр, 7—шкалаи ҳарорат.

Расми 2. Ареометри собитҳаҷм; 1—тана, 2—порсанг, 3 — моддаи дар об ҳалнашаванда, 4—палла, 5—аломати гирда.

АРЖАНГ ارژنگ номи китоби наққоши машҳур Монӣ (216—277), ки дар замони Шопури I (241—272) зиста, с. 242 даъвои пайғамбарӣ кардааст. Ин китоб бо номҳои «Артанг» ва «Арсанг» низ дучор шуда, дар он ақоиди мазҳабӣ, ахлоқӣ ва сиёсии Монӣ ифода ёфтааст. Монӣ аз ақидаҳои зардуштӣ, буддоӣ, яҳудӣ ва насронӣ фаровон истифода бурда, аз омехтаи онҳо оини наве ҷорӣ кард. Асоси А.-ро муборизаи рӯшной (не-

кӣ) бо торикӣ (бадӣ) ташкил мекунад. А. бо нақшу суратҳои гуногун музайян гардида буд. Аз ин рӯ, А. дар адабиёти форс-тоҷик рамзи нигористон ва Монӣ символи рассоми бузург аст. Дар «Шоҳнома» як паҳлавони Тӯрон ва як деви Мозандарон А. номида шудаанд. Дар баъзе китобҳои таърихӣ гуфтаанд, ки А. нигорхонаи Монист, ки лавҳаҳои наққошии ӯ дар он ҷо намоиш дода мешудаанд. Баъзан лавҳи тасвирро низ А. меномиданд. *А. Афсаҳзод.*

АРЗ (ар. عرض — паҳно, бар), яке аз ду координатаи географӣ, ки мавқеи ягон нуқтаро дар сатҳи Замин муайян мекунанд; А. ба масофаи кунҷии нуқтаи мазкур то экватор баробар аст, яъне аз 0° то 90° қимат мегирад. Барои Нимкураи Шимолӣ А. мусбат қабул шудааст, барои Нимкураи Ҷанубӣ — манфӣ. Азбаски кураи Замин ноҳамвор аст, усулҳои муайян кардани мавқеи нуқтаи А.-и рӯи замин як хел нест, мафҳумҳои гуногуни А. истифода мешаванд: А.-и астрономӣ φ (кунҷи байни хати шоқулӣ ва ҳамвории экватори Замин, ки ба баландии қутби дунёё дар рӯи уфуқи нуқтаи матлуб баробар аст), А.-и геодезӣ *B* (кунҷи байни нормали дар нуқтаи матлуб ба сатҳи Замин гузарондашуда ва ҳамвории экватори он), А.-и геоцентрӣ φ′ (кунҷи байни радиус-вектори нуқтаи матлуб ва ҳамвории экватори Замин), А.-и осмонӣ β (кунҷи байни самти ҷирм ва



ҳамвории эклиптика, ки аз —90° то +90° тағйир меёбад), А.-и галактикӣ (кунҷи байни самти ҷирм ва ҳамвории экватори Галактика) ва ғ.

АРЗАМА́С, шаҳр дар вил. Горькии РСФСР, дар соҳили д. Теша. Узели р. о. Аҳол. 89 ҳаз. наф. (1977). Корхонаҳои мошинсозӣ (мошинҳо барои хоҷагии коммуналӣ, саноати сабук), нақлиёти р. о., намадмолӣ, кашидадӯзӣ, ф-каҳои чарму пойафзол, хӯрокворӣ (з-дҳои ликёру арақ, пиво ва ғ.), истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ дорад. Ин-ти педагогӣ, техникуми механикӣ ва электрикии х. қ., омӯзишгоҳҳои кооперативӣ, тиббӣ, мусиқӣ; театри драма, музеи кишваршиносӣ, хона-музеи А. П. Гайдар мавҷуданд. А. с. 1578 буньёд ёфтааст. С. 1901 А. М. Горький ба ин ҷо бадарга шуда буд.

АРЗАМӢ, навъи зардолу. Бештар дар Панҷакент, Хуҷанд, Исфара, Конибодом ва ғ. парвариш мекунанд. Дарахташ баланд, сершох, аз 3—5-солагӣ ба ҳосил даромада, то 120—130 сол умр мебинад. Дар охирҳои март гул карда, аввалҳои июнь мепазад. Меваш зард, лӯнда, 45—50 г. Дарахти 15—20-солаи А. 150—250 кг ҳосил медиҳад. А.-ро бештар барои қоқ ва консерв истифода мекунанд.

АРЗА́Н (Panicum miliaceum), растании ғалладона, аз *хӯшаиҷо*. Пояаш рости шохронда, то 1 м баланд мешавад. Баргаш дарози нӯгтези мӯякдор аст. Хӯшагулаш туғшакл ва то 20 см дароз мешавад. Моҳҳои июну авг. гул мекунад. Худгардолудшаванда. Дар районҳои РСС Тоҷ. бештар 3 навъи А. (P. m. var. effusum, P. m. var. contractum ва P. m. var. compactum) дучор меояд. А.-ро 5000 сол пеш аз м. киштукор мекарданд. Ватани аслии А.-ро Чину Муғул тахмин мекунанд. А. зироати писандидаи қабилаҳои скифу сармат ва суғду бохтариҳо низ ҳисоб меёфт. Ҳоло майдони ҷаҳонии кишти А. 50 млн га-ро ташкил медиҳад. Дар СССР (асосан Қазоқистони Ғарбӣ, минтақаи марказию сиёҳҳоки Россия, Украина) дар 6 млн 400 ҳаз. га А. кишта мешавад. Дар Тоҷикистон хелҳои серҳосили «Саратовское 853», «Весело-Подолянское 198» ва ғ. кишта мешавад. А. яке аз аҳамиятноктарин зироатҳои ғалладонаи х. қ. аст. Таркиби сӯк 63% ангиштоб, 12% сафеда, 3—4% равған, 1% клетчатка (тилф), 2—2,5% хокистар, моддаҳои минералӣ, витамини B_1 ва ба андозаи нисбатан зиёд намакҳои калий дорад. Аз сӯки А. бештар таомҳои хушлаззат, талқону нон ва ғ. тайёр мекарданд. Шавлаи сӯкро илми тиб ба сифати таоми парҳезӣ ба беморони дарди дил, қабзияти меъда ва ғ. тавсия мекунад. Пахол ва коҳи А. мисли алафи марғзор серғизо аст.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, М.-Л., 1957. *М. Хочиматов.*

АРЗАНА́К (Phleum), авлоди растаниҳои як ё бисьёрсолаи алафӣ, мансуби *хӯшаиҷо*. 15 намуди А. дар Европа, Осиёю Африка ва Америка паҳн шудааст. Дар СССР 11 ва аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 5 намуди А. (Ph. alpinum, Ph. paniculatum, Ph. graecum, Ph. phleoides, Ph. pratense дар к. Муғул, қ-кӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз ва мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Шарқӣ) вомехӯрад. А.-и марғзор (Ph. pratense) дар Помири Ғарбӣ ва Ҳисор кишта мешавад. А. баргҳои тасмашакли борик ё нештаршакл, хӯшагули туғшакл, донаҳои мудаввар ё байзашакл ва решапояи кӯтоҳ дорад. Одатан дар канори ҷӯй, соҳили дарьё, гирду атрофи чашмасор, дар регзору санглох,

Арзанаки марғзор: 1 — қисми болой ва поёни; 2 — хӯша; 3 — тухм.

алафзори кӯҳ, буттазору марғзор ва ... меруяд. А. гиёҳи серғизост. Дар таркибаш 4,9—9,7% сафеда, 1,95—3,4% равған, 2,7% қанд, 24,0—35,83% клетчатка (тилф) дорад. А.-и марғзорро соле як ё ду маротиба дарав карда, аз ҳар га 16—20 ц алаф гирифтан мумкин аст.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, М.-Л., 1957; Растениводство, М., 1975

АРЗА́НӢ СУРХ, номи диг. *Ҷувории судонӣ*.

АРЗАНОБА́, деҳа дар С. қ. Ҷавонони р-ни Файзобод, РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Файзобод». Аз А. то маркази С. қ. 4 км, то район 3 км, роҳ мошингард. Аҳол. 370 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — чорводорӣ, инчунин боғдорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо аз д. Оби Сангбур обьёрӣ мешаванд.

АРЗИ́Ш, меҳнати ҷамъиятии дар мол мучассамшудаи истеҳсолкунандагон. А. ҳамчун категорияи иқтисодӣ ба ҳама гуна истеҳсолоти мол хос буда, муносибатҳои истеҳсолии одамонро ифода менамояд. Арзиши молро сарфи меҳнати зарури ҷамъиятӣ муайян мекунад. Барои истеҳсоли мол меҳнати зарури ҷамъиятӣ ҳар қадар бисьёр сарф шавад, арзиши он ҳамон қадар зиёд мегардад. Ҳосилнокии меҳнат ҳар қадар баланд бошад, арзиши мол мутаносибан кам мешавад. Дар хоҷагии истеҳсоли мол қонуни арзиш амал мекунад. Арзиши мол вобаста ба тарзи истеҳсолот аз қисмҳои гуногун иборат аст. Мас., дар шароити капитализм арзиши мол аз қисмҳои *капитали доимӣ, капитали тағйирёбанда* ва *арзиши изофа* иборат буда, дар онҳо хусусияти муносибатҳои истеҳсолии капиталистӣ инъикос меёбад. Дар СССР истеҳсолоти молӣ дар доираи муносибатҳои истеҳсолии социалистӣ инкишоф меёбад. А. дар шароити со-

циализм аз арзиши воситаҳои истеҳсолии истифодашуда, маҳсулоти зарурӣ ва изофа иборат аст. Дар процесси истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ як қисми А. дар шакли фонди пурракунии ҷои воситаҳои истеҳсолии истифодашуда ва воситаҳои рӯзгузаронии коркунони истеҳсолот ҷудо карда мешавад, ки ин шарти аз нав барқарор кардани цикли истеҳсолот аст. Дар асоси ин процесси объективӣ ду қисми аввали А. дар шакли *арзиши аслии маҳсулот* ҷудо шуда, қисми сеюмаш даромади холиси ҷамъияти социалистӣ мебошад.

АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ, қисми дар шакли пул ифодаёфтаи арзиши маҳсулот, ки аз маблағи барои воситаҳои истеҳсолот ва музди кор сарфшуда иборат аст. А. а. м. аз меҳнати пешинае, ки дар воситаҳои истеҳсолот таҷассум ёфтааст ва як қисми меҳнати ҷорӣ, ки барои истеҳсоли маҳсулот сарф мешавад, ба вуҷуд меояд. Ашёи хом, масолеҳ, сӯзишворӣ, қувваи электрики сарфшуда, музди кори коргарону хизматчиён, хароҷоти маъмурию идоравӣ ва фурӯши маҳсулот, хароҷоти кирои нақлиёт, идораҳои молфурӯшӣ ва анборҳои мол ва ғ. қисмҳои таркибии А. а. м. мебошанд. Пайдарҳам кам шудани А. а. м. яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ, далели сарфаи меҳнати ҷамъиятӣ, сарчашмаи васеъ кардани истеҳсолоти социалистӣ ва кам шудани нархи мол аст.

АРЗИШИ ИЗОФА, арзишест, ки коргари кироя зиёда аз арзиши қувваи кор ба вуҷуд меорад ва онро капиталист муфт аз они худ мекунад. А. и. моҳият ва хусусияти шакли капиталистии истисморро ифода менамояд. Дар замони капитализм пролетариат аз воситаҳои истеҳсолот маҳрум ва маҷбур аст, қувваи кории худро ҳамчун мол фурӯшад. Меҳнати коргари кироя меҳнати зарурӣ ва меҳнати изофа мешавад. Аз рӯи пайдоиш А. и. м у т л а қ (дар натиҷаи дароз кардани рӯзи кор ба вуҷуд меояд) ва н и с б ӣ (натиҷаи зиёд шудани ҳосилнокии меҳнат, яъне ихтисор кардани вақти кори зарурӣ) мешавад. Капиталистон он қисми арзишро, ки барои таҷдиди қувваи коргар лозим аст, моли худ мекунанд, зеро музди кор аксаран аз арзиши қувваи коргар камтар муқаррар мешавад. К. Маркс назарияи илмии А. и.-ро ба вуҷуд оварда, муносибатҳои синфии сохти буржуазиро таҳқиқ кард ва асоси иқтисодии антагонизми пролетариату капиталистонро нишон дод. А. и. манбаи фоида, сарчашмаи бой шудани капиталистон аст. Бинобар ин мақсади бевоситаи истеҳсолоти капиталистӣ А. и. аст ва то даме, ки капитализм вуҷуд дорад, истисмор боқӣ мемонад. Дар замони социализм, ки воситаҳои истеҳсолот моликияти ҷамъиятист, одам аз тарафи одам истисмор намешавад, меҳнаткашон ба фоидаи худ ва ҷамъият кор мекунанд.

АРЗИШИ ИЗОФАИ МУТЛАҚ, ниг. *Арзиши изофа.*

АРЗИШИ ИЗОФАИ НИСБӢ, ниг. *Арзиши изофа.*

АРЗИШИ ИСТЕЪМОЛӢ, ниг. *Мол.*

АРЗУМАНЯН Анушаван Агафонович (27. 2. 1904, деҳаи Каварти губ. Елизаветполь — 18. 7. 1965, Москва), иқтисодчии советӣ, ходими ҷамъиятӣ, акад. АФ СССР (1962). Аъзои КПСС аз с. 1923. Яке аз ходимони фаъоли комсомоли Арманистон. С-ҳои 1926—27 аъзои КМ Партияи Коммунистии Арманистон, 1937—56 ректори Ун-ти Ереван, проректори Ун-ти Озарбойҷон, директори Ин-ти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналхалқии АФ СССР ва аз с. 1962 акад.-котиби Шӯъбаи илмҳои иқтисодии АФ СССР. Асарҳои А. ба масъалаҳои мухталифи капитализми давлатию монополистӣ, бӯҳрони системаи ҷаҳонии капиталистӣ, аҳволи синфи коргар ва перспективаҳои процесси революционии ҷаҳон бахшида шудаанд. А. депутати Совети Олии СССР (даъвати 6). Бо ордени Ленин, 5 ордени диг. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Борьба двух систем и мировое развитие, М., 1964; Экономические проблемы общественного развития, Избр. труды, М., 1968.

АРИАБҲАТА (тав. 476, Ашмака — с. ваф. номаълум), астроном ва математики ҳинд. Ҷараёни аҳвол ва осори А. пурра маълум нест. Замони зиндагии А. ба асри тиллоии таъриҳи илму маданияти Ҳинд, давраи Гуптҳо (нимаи аввали а. 4 — нимаи аввали а. 6) рост меояд, ки бузург-тарин комьёбиҳои ҳиндуён дар соҳаи астрономия, математика, фалсафа, сиёсат, ботаника, химия, тиб ва ғ. маҳз дар ҳамон давра ба даст омадаанд. Аз А. «Ариабҳатия» ном асар боқӣ мондааст, ки онро с. 459 таълиф кардааст. Дар ин асар на танҳо донишҳои мардуми кишвари Ҳинд, балки комьёбиҳои илмии олимони хориҷӣ низ гирд оварда шудааст. «Ариабҳатия», ки аз 118 қитъа иборат аст, ба забони санскрит дар шакли насри манзум иншо шуда, баъдтар ба забонҳои ҳиндӣ, телугу, малаялам ва арабӣ тарҷума шудааст. «Ариабҳатия» ҳалли бисьёр масъалаҳои алгебра, арифметика, назарияи ададҳо, геометрия, тригонометрия, аҳкидаи гирди меҳвари худ давраи Замин, сабаби кусуфу хусуф ва ғ.-ро дарбар мегирад. А. дар назарияи ададҳо ва алалхусус дар ҳалли муодилаҳои номуайян саҳми бузург гузоштааст, зеро ӯ нахустин муҳаққиқест, ки усули соддатарин (усули «пароканиш»)-и барои ададҳои бутун ҳал кардани муодилаи номуайяни дараҷаи якум $ax+b=cy$-ро нишон додааст. Дигар ин ки барои ададҳои мусбати бутун ҳал кардани муодилаҳои номуайян дар муқобили ҳалли ин гуна муодилаҳо аз тарафи олими Юнони а. 3 Диофант, ки танҳо ҳалҳои рационалиро муоина мекард, қадами бузурге ба пеш буд. А. бо усулҳои ба муодилаи квадратӣ овардани як қатор масъалаҳо (мас., ёфтани миқдори узвҳои прогрессияи арифметикӣ), ҳисоб кардани узви дилхоҳ, сумма ва ададҳои узвҳои прогрессияи арифметикӣ, ҷамъбандӣ кардани кубҳои ададҳои натуралӣ, ба дараҷаҳо тақсим кардани доира, муайян кардани вақти вохӯрдани ду ҷисми муқобили якдигар (ё паи ҳамдигар) ҳаракаткунанда ва ғ.-ро хеле равшан баён кардааст. Ӯ барои ададии π қимати 3,1416-ро истифода бурдааст. Бояд гуфт, ки «Ариабҳатия» на дар майдони хушкухолии илм ба вуҷуд омадааст. Донишманди забардасти илми Ҳинди қадим Абӯрайҳони Беруниӣ дар хусуси инкишофи пуравҷи астрономияи ҳазорсолаҳои 2 ва 1 то м. ва хусусан асрҳои аввали милод, ки хеле пеш рафта буд, мегӯяд, ки астрономия дар байни ҳиндуён илми маъруф ба шумор мерафт, зеро дини онҳо ба ҳамин илм сахт алоқа дошт. Аз ин ҷиҳат нуқтаи назари А. дар бораи кусуф ва хусуф ҷолиби диққат аст. А. дар муқобили ақидаи бараҳманҳои фақеҳ назарияи комилан илмиро тарафдорӣ мекард. Ба гуфти А. вақте ки дар аввали моҳи соли қамарӣ Моҳ дар яке аз нуқтаҳои буриши мадори худ ва мадори Офтоб воқеъ мешавад, Офтобро панаҳ мекунад ва мисли ҳамин, вақте ки дар охири нимаи моҳи қамарӣ Моҳ ба соҳаи Замин дохил мегардад, Замин рӯи онро торик месозад. Дар ташаккули ақидаҳои фалсафӣ ва умуман ҷаҳонбинии А. нақши таълимоти локаята бузург аст. Ба қавли ӯ олам аз омезиши чаҳор унсури моддӣ — обу оташ ва хоку ҳаво таркиб ёфтааст. Ин андешаи А. ба таълимоти мактаби материалистии фалсафаи Ҳиндустони қадим *локаята* доир ба ҳастӣ қаробат дорад. А. дар назарияи маърифат сенсуалист буд. Ӯ маърифатпазирии олами моддиро эътироф намуда, дар ин ҷараён эҳсосотро манбаи маърифат меҳисобид. Материализми А. моҳиятан табиӣ-илмист. А. ҳодисаҳои мухталифи табиатро амсоли кусуфу хусуф, ҳаракат ва шакли Замин бархилофи аҳкоми динӣ материалистона ва даҳриёна таъбир намудааст. Аз ин рӯ таълимоти материалистӣ ва зиддидинии А. дучори ҳамлаи коҳинон ва олимони чудогонаи Ҳинд аз қабили Браҳмагупта ва Вараҳамира гардид. Ақидаҳои

материалистии А. ва хусусан андешаи ӯ дар бораи курашакл будани Замин ва гирди меҳвари худ даврзании он бояи баҳсу мунозираҳои илмӣ гардида, диққати олимони зиёди равшанфикрро ба худ ҷалб кардааст. Абӯрайҳони Беруни дар «Қонуни Масъудӣ» ва «Таҳқиқ фӣ мо лил-Ҳинд» ном асарҳои худ ақидаҳои маэкури А. ва пайравони ӯро пазируфта, ҳамчун нишонаи дастгирӣ навиштааст, ки ҳақ бар ҷониби пайравони А. мебошад. Ба майдон омадани «Ариабҳатия» аз як тараф ба ҷараёни инкишофи илм ва алалхусус математика дар Ҳиндустон самти прогрессивӣ дод ва аз тарафи диг. ба тараққиёти равияҳои алоҳидаи илмҳои дақиқ дар мамлакатҳои Шарқу Ғарби асрҳои миёна таъсири калон расонд.

Дар Ҳиндустон ба нахустин радифи маснӯи Замин (1975 бо ёрии ракетаи барандаи советӣ сар дода шуд) номи А. дода шудааст.

Ад.: Юшкевич А. П., История математики в средние века, М., 1961; Бируни А., Избранные произведения, т. 2, Ташкент, 1963; Бонгард-Левин Г. М., Мудрецы и философы древней Индии, М., 1975; Володарский А. И., Математические идеи Ариабаты, «Природа», 1976, № 8. *С. Қодирӣ, М. Султонов.*

АРИЛОНӢ, иваз кардани атомҳои гидроген, металл ё галогени пайвастҳои органикӣ ба гурӯҳи арил (фенил C_6H_5–, нафтил $C_{10}H_7$– ва ғ.). А. барои дар саноат ва лабораторӣ ҳосил кардани пайвастҳои ароматӣ аҳамияти калон дорад.

АРИСМЕ́НДИ (Arismendi) Родней (тав. 21. 3. 1913, Рио-Бранко, департаменти Серро-Ларго), ходими ҳаракати коргарии Уругвай. Аз с. 1931 аъзои ПК Уругвай. С-ҳои 1936—39 котиби Федерацияи коммунистии ҷавонони Уругвай, аъзои комитети районии партия дар ш. Монтевидео. Аъзои КМ ПКУ аз с. 1937. С-ҳои 1940—41 сармуҳаррири газетаи «Хустисия», 1941—44 муҳаррири масъули газетаи коммунистии «Диарио популар». Аъзои Комиҷроияи КМ ПКУ (аз с. 1944). С-ҳои 1946—50 котиби Комитети партиявии департаменти Монтевидео. С-ҳои 1951—55 котиби Комитети Миллии партияи коммунистӣ, аз июли 1955 то окт. 1955 котиби генералии Комитети Миллии ПКУ. Аз окт. 1955 котиби якуми КМ ПКУ. Аз с. 1956 сармуҳаррири журнали назарии ПКУ «Эстудиос». Депутати парламент (аз с. 1946). А. дар бораи революцияи Америкаи Лотинӣ, ҳаракати миллию озодихоҳии Уругвай ва Рев. Каб. Соц. Октябрь як қатор асарҳо дорад. Бо ордени Революцияи Октябрь мукофотонида шудааст. Иштирокчии Съезди 25-уми КПСС.

Ас.: Проблемы латиноамериканской революции, М., 1964.

АРИСТОКРА́ТИЯ (юн. aristokratia — ҳокимияти беҳтаринҳо, ҳокимияти ашроф), 1) шакли идоракуние, ки дар он ҳокимияти давлатӣ дар дасти ақаллияти аъёну ашрофи имтиёздор мебошад. А. ҳамчун шакли идоракунӣ ба *монархия* ва *демократия* зид аст. Дар таъриҳи афкори сиёсӣ мафҳуми А.-ро нахустин бор *Афлотун* ва *Арасту* барои ифодаи яке аз шаклҳои идоракунии давлат ба кор бурданд. Минбаъд Полибий, Б. *Спиноза*, Т. *Гоббс*, Ш. *Монтескье*, И. *Кант* ва диг. шакли аристократии идоракуниро зикр намуданд. Дар А. ваколати маҷлисҳои халқӣ маҳдуд гардида, роли онҳо паст зада мешуд. Аҳолӣ дар ҳаёти давлатӣ фаъолона иштирок наменамуд. Интихобот характери қалбакӣ дошта, шахсони соҳибмансаб гумоштагони аъёну ашроф буданд. Ҳангоми аз доираи маҳдуди ашроф ташкил додани органҳои ҳокимияти давлатӣ асосан принципи ворисӣ ва ирсият ба назар гирифта мешуд. 2) Аъёну ашроф, қисми имтиёздори ягон синф (патрицийҳо дар Рим, эвпатридҳо дар Афина, дворянҳо дар Россия ва ғ.) ё гурӯҳи ҷамъиятие, ки ҳуқуқу имтиёзи махсус дорад (мас.: А.-и молиявӣ).

АРИСТОКРА́ТИЯИ КОРГАРӢ, табақаи нисбатан баландихтисос ва соҳибимтиёзи синфи коргари мамлакатҳои капиталистӣ, ки онро буржуазия аз ҳисоби фоидаҳои максималӣ бо ришва ба тарафи худ мекашад. А. к. сиёсати буржуазияро дастгирӣ, ягонагии сафи синфи коргарро вайрон ва дар байни коргарон оппортунизмро паҳн мекунад. Асоси иқтисодии ба вуҷуд овардани А. к. ҳукмронии монополияҳои капиталистӣ мебошад, ки ба олигархияи молиявӣ фоидаҳои калон меоваранд. А. к. такьягоҳи социалистони рост, такьягоҳи оппортунизм дар ҳаракати коргарӣ ва воситаи таъсири буржуазия ба пролетариат аст. Дар марҳилаи ҳозираи бӯҳрони умумии капитализм баробари афзоиши ҳаракати коргарӣ ва шуури синфи коргар, пурзӯр шудани таъсири партияҳои коммунистӣ ва коргарӣ таъсири А. к. ба меҳнаткашон суст мешавад.

АРИСТОФА́Н (Aristophanes; тақр. 445 — тақр. 385 то м.), драматурги Юнони Қадим. Аз 44 мазҳакаи ӯ 11-то боқӣ мондааст: «Ахариҳо» (425), «Саворахо» (424), «Абрҳо» (423), «Занбӯрҳо» (422), «Сулҳ» (421), «Мурғон» (414), «Занон дар иди Фесмофорий» ва «Лисистрата» (411), «Ғукҳо» (405), «Занон дар маҷлиси халқӣ» (392), «Плутос» (388); аз диг. асарҳояш қариб 900 порчаи хурд боқӣ мондааст. Дар мазҳакаҳои А. сиёсати ҷангҷӯӣ, афзоиши нобаробарии ҷамъиятӣ, ҷараёнҳои ғоявие, ки асосан анъанаҳои демократияи Афинаро суст мекунанд, танқид шудаанд. А. дар асарҳои худ баъзе хислатҳои шахсони таъриҳӣ, ҳамзамонони худ (чармгар Клеон, файласуф Суқрот)-ро истифода кардааст. Мазҳакаҳои А. дорои ҳаҷви тезу тунд буда, дар давраи Эҳьё аз Эразми Роттердамӣ, Ф. Рабле, дар а. 18 аз Г. Филдинг, дар а. 19 аз Г. Гейне, В. Г. Белинский, Н. В. Гоголь, А. И. Герцен, Н. Г. Чернышевский ва дар давраи советӣ аз А. В. Луначарский баҳои баланд гирифтаанд. «Занбӯрҳо»-ро Ж. Расин, «Мурғон»-ро И. Гёте ва «Сулҳ»-ро Л. Фейхтвангер (1917) истифода бурда, асар офаридаанд.

АРИТМИ́Я (аз *а*... ва юн. rhythmós — низом), номураттаб кашиш хӯрдан (тапидан)-и дил, ки дар натиҷаи таъсир ёфтани вазифаҳои ҷудогонаи он ба амал меояд. А. бештар ба вазъи системаи ноқили импульс ё асабҳои танзими кори дил вобаста аст. А. дар тез ё суст шудани кашишхӯрии дил, инчунин хуруҷҳои тапиши дил, аломати кашишхӯриҳои иловагӣ ва ғ. зоҳир мегардад. А. бештар оқибати беморихои дил (миокардит — илтиҳоби мушаки дил, кардиосклероз — гум шудани ҷандирии рагҳои дил ва ғ.) мебошад. А. баъзан таъсироти табиии фаъолияти дил буда, ҷавобан ба таъсири омилҳои мухталиф (мас., ҳангоми варзиш, давидан, иҷро кардани кори вазнини ҷисмонӣ ва ғ.) ба амал меояд. А.-ро бо усули электрокардиография аниқ мекунанд.

Муолиҷа: бартараф намудани сабаби асосии пайдоиши беморӣ, истифодаи дорухои дил: дигиталис, строфантин, хинидин ва ғ.

АРИФМЕ́ТИКА (юн. arithmetikē, аз arithmós—*адад*), илм дар бораи ададҳо ва амалиёти роҷеъ ба онҳо. А. пеш аз ҳама ададҳои натуралӣ ва касрҳои рационалиро меомӯзад.

Донистани мафҳуми ададҳои натуралӣ ва иҷро карда тавонистани амалиёт бар ададҳо дар фаъолияти амалӣ ва маданиии инсон зарур аст. Бинобар ин, А. элементи тарбияи то-мактабии бачаҳо ва предмети ҳатмии программаи мактабҳои миёна мебошад.

Бо ёрии ададҳои натуралӣ бисьёр мафҳумҳои математика (мас., мафҳуми асосии таҳлили математикӣ — ададҳои ҳақиқӣ) тартиб дода мешаванд. Аз ин ҷиҳат А. яке аз фанҳои асосии математикӣ ба ҳисоб меравад. А. бо *алгебра*, ки дар он амалиёт бар ададҳо новобаста ба хусусиятҳои фардии (индивидуалии) онҳо омӯхта мешаванд, зич алоқаманд аст. Хосиятҳои фардии ададҳои бутунро *назарияи ададҳо* меомӯзад.

А. илми қадимаест, ки дар асоси талаботи инсон ба вуҷуд омад ва бо мурури инкишофи воситаҳои истеҳсолот, муносибатҳои иҷтимоӣ, муомилоти пулӣ, масъалаҳои чен кардани вақт, масофат, сатҳ, инчунин талаботи илмҳои дигар босуръат тараққӣ кард.

Маълумоти нахустин доир ба А. дар *папирусҳои математикии* Мисри Қадим дучор мешавад (2 ҳазор сол пеш аз м.). Мисриён барои ифодаи ададҳо тасвироти гуногунро истифо-

да мебурданд, тартиб додан ва ҳал кардани *муодилаҳо, прогрессияи арифметикӣ* ва *прогрессияи геометриро* низ медонистанд. Бо вуҷуди ин А.-и даврои қадим А.-и амалӣ буду халос. Инкишофи назариявии А.-ро математикҳои Юнони Қадим оғоз намуданд ва асосгузори таълимоти ададҳои натуралӣ, назарияи таносуб, чен кардани бузургиҳо, назарияи ададҳои иррационалӣ гардиданд. Дар *«Ибтидо»*-и Иқлидус (Евклид, а. 3 то м.) исботи беинтиҳоии ададҳои содда, теоремаҳои асосии тақсимшавандагии ададҳо, алгоритм барои ёфтани андозаи умумии ду порча, муайян кардани калонтарин тақсимкунандаи умумии ду адад (алгоритми Евклид) ва ғ. оварда шудаанд, ки то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд. «Псаммит»-и *Архимед* (а. 3 то м.) бошад, дар пайдоиши мафҳуми қатори натуралии беинтиҳо мавқеи муҳим дорад; дар он ба ададҳои ҳар қадар калон имконпазир будани ному ишоратгузорӣ исбот ёфтааст. Нумерацияи юнониён хаттӣ (бо истифодаи ҳарфҳои алфавит) буд. Инкишофи минбаъдаи А. ба тараққиёти маданияти Ҳиндустон алоқаманд аст, ки ба мамлакатҳои Осиёи Наздик ва Осиёи Шарқӣ (Хитой, Япония) низ таъсир расонд. Ҳиндуён дар ҳалли масъалаҳои А. пайваста бо истифодаи усулҳои алгебравӣ системаи ҳисоби позиционии даҳиро ҷорӣ карданд, ки иҷрои амалҳои асосии А. (ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим)-ро осон гардонд.

Усулҳои ҳисоби шарқӣ аз а. 10 дар Европа паҳн шуд. Дар ин бобат асари Муҳаммади *Хоразмӣ* «Ҳисоб-алҳинд» роли муҳим бозид. Усули позиционии ифодаи ададҳо ва мафҳуми *алгоритм* ба вуҷуд омад. *Ҷамшеди Кошонӣ* системаи касрҳои даҳӣ ва қоидаи амалҳо бар онҳоро баён кард. Дар асрҳои миёна риёзиёни Шарқи Наздик ва Миёна усули ҳарфии ифодаи адад — *абҷад*ро ба вуҷуд оварданд. Дар инкишофи А.-и асрҳои миёна Абӯрайҳони *Беруни*, Умари *Хайём*, *Ибни Сино*, *Насируддини Тӯсӣ*, *Абулвафои Бузаҷонӣ*, *Алоуддини Қушчӣ* барин олимони Шарқ низ саҳми муҳим гузоштаанд.

Аз ибтидои а. 17 дар натиҷаи такмили усулҳои ҳисобкунӣ ва талаботи амалия ба техникаи ҳисоб (масъалаҳои астрономияи баҳрнавардӣ, механика, муомилоти пулӣ ва ғ.) инкишофи А. суръат гирифт. Навишти замонавии касрҳои даҳӣ ва мафҳуми *логарифм* (Ҷ. Непер) ба вуҷуд омад. Дар аввали а. 18 усулҳои иҷро ва навишти ҳисобкуниҳо шакли замонавӣ гирифт.

Марҳилаи нави инкишофи А.— ба вуҷуд омадани асоси аксиоматии А., ки ибтидои а. 19 оғоз ёфт, ба процесси умумии аз нав дида баромадани асосҳои мантиқии математика алоқаманд буд (тадқиқоти Н. И. *Лобачевский*, Г. *Лейбниц* ва диг.). Математики немис Г. Грасман (1809—77) системаи аксиомаҳоро интихоб намуд. Он амалҳои ҷамъ ва зарбро тавре муайян мекунад, ки диг. нуктаҳои А. чун натиҷаи мантиқии онҳо бармеояд. Қонунҳои коммутативӣ, ассоциативӣ ва дистрибутивии (нисбат ба амали ҷамъ) амали зарб исбот гардид. Математики италиявӣ Ҷ. Пеано (1858—1932) тадқиқоти Грасманро давом дода, системаи мафҳумҳои асосиро (мафҳумҳое, ки бе истифодаи диг. мафҳумҳо таъриф дода мешаванд) муайян кард: мафҳуми а д а д и н а т у р а л ӣ, мафҳуми дар қатори натуралӣ аз паси як адад бевосита омадани адади диг., мафҳуми узви аввалини қатори натуралӣ (ҳамоне, ки ба сифати он 0 ё 1-ро қабул кардан мумкин аст).

Соддатарин ифодаҳои А., ки дар натиҷаи ҳисоби элементарии объектҳо ва мушоҳидаҳои бисьёрасраи инсон ба миён омадаанд, ба чорчӯбаи схемаи соддаи мантиқӣ мувофиқ оянд. А.-и муосир чун фанни математикие, ки маҷмӯъҳои беинтиҳои ададҳои натуралиро меомӯзад, тадқиқи мувофиқати ин ё он системаи аксиомаҳо ва таҳлили муфассали мазмуни хулосаҳои онҳоро талаб мекунад. *А. Қурбонов.*

АРИФМО́МЕТР (юн. arithmós — адад ва metréo — чен мекунам), ҳисобмошини рӯимизӣ барои иҷрои амалҳои арифметикӣ. А. аз механизми рақамчину механизми ба муҳосибак (счетчик) гузаронидани рақамҳо, муҳосибаки ададҳо, муҳосибаки натиҷа, олати маҳви натиҷа, ҳаракатовари дастӣ ё электрикӣ иборат аст. А. махсусан ҳангоми иҷрои амалҳои зарбу тақсим пурсамар аст. Мошини ҳисоби арифметикиро Б. Паскаль ихтироъ кардааст (1641), вале аввалин мошинеро, ки ҳамаи чаҳор амали арифметикиро иҷро карда метавонист, устои соатсози немис Ҳан сохтааст (1790). С. 1890 механики петербургӣ В. Т. Однер истеҳсоли онро дар Россия ба роҳ монд.

АРИЯ (итал. aria—тарона, оҳанг), порчаи таркибан мукаммали опера, оратория ё кантата, ки ҳофиз бо ҳамоҳангии оркестр иҷро мекунад. А. характер, ҳиссиёти ботинӣ ва майлу рағбати қаҳрамони асарро мекушояд. Мас., А.-и Кармен аз операи «Кармен»-и Ж. Бизе; А.-и Баттерфляй аз операи «Чио-Чио-Сан»-и Ҷ. Пуччини; А.-и Мефистофель аз операи «Фауст»-и Ш. Гуно; А.-и Пӯлод аз операи «Пӯлод ва Гулрӯ»-и Ш. Сайфиддинов ё А.-и Комде аз операи «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ. Ариетта, ариозо, каватина, кабалетта ва ғ. навъҳои А. мебошанд.

АРИҚТО́Ғ, каторкӯҳ дар водии Вахш, дар паҳлуи шарқии қ-кӯҳи Оқтоғ. Аз Шим. ба Ҷ. қариб 70 км тӯл мекашад. Баландиаш ба ҳисоби миёна 1000—1200 м; нуқтаи баландтаринаш 1642 м. А. аз чинсҳои таҳшинӣ: регсанг, конгломерат, гил ва оҳаксанг таркиб ёфтааст. Теғаҳояш нисбатан ҳамвор. Дарахту буттаҳои писта, дӯлона, бодом ва гиёҳҳои биёбонӣ мерӯянд. А. чарогоҳи зимистонӣ ва баҳорӣ мебошад.

АРИҚТО́Ғ, қабристон дар р-ни Шаҳртуз (дар доманаи қ-кӯҳи Ариқтоғ, дар қисми шим. водии Бешкент). *А. М. Мандельштам* с-ҳои 1955—59 ҳафриёт гузаронид. Қабрҳои даврои охири асри биринҷӣ ва ибтидои асри оҳан (ох. ҳазорсолаи 2 то м. ва ибтидои м.) ёфт шудаанд. Қабрҳои кӯҳна доирашакл ва росткунҷа канда шуда, иҳотаи сангӣ доранд ва як ҷасад дар чуқурии оддӣ гӯронида шудааст. Дар қабрҳо досу дастпонаҳои биринҷӣ, зарфҳои сафолӣ пайдо шуданд. Қабрҳои арафаи асрҳои милод лаҳад доранд. Аз ин қабрҳо зарфҳои сафолӣ, се пайкони найза ба даст омад. Давраи охири қабристон ба замони ҳуҷуми гурӯҳҳои калони бодиянишинон ва инқирози давлати *Юнону Бохтар* рост меояд. *Л. Т. Пьянкова.*

АРКА́НЗАС (Arkansas), дарьё дар ШМА, яке аз шохобҳои калонтарини д. Миссисипи, тӯлаш 2410 км; масоҳ. ҳавзааш 470 ҳаз. км². Аз к-ҳои Харсангӣ сар шуда, аввал аз дараҳои тангу чуқур, баъд аз ҳамвориҳои Бузург ва Марказӣ ҷорӣ мешавад. Сарфи миёнаи об қариб 1800 м³/сон. Баҳор пуроб шуда, баъзан дар он обхезӣ мешавад. Ба масофаи 1000 км киштигард. Оби А. асосан барои обьёрӣ истифода мешавад. Дар соҳилҳои А. ш-ҳои Уичито, Талса ва Литл-Рок воқеанд.

А́РКИ БУХОРО́, ёдгории археологӣ ва меъморӣ. Бори аввал Муҳаммади Наршаҳӣ дар «Таъриҳи Бухоро» буньёди онро ба даврои ҳокимии Сиёвуш нисбат медиҳад. А. Б. борҳо хароб ва барқарор гардида, симои худро тағьир дод ва дар замони Шайбониён мукаммал гардид.

Ҳоло А. Б. шаклан чоркунҷаи нобаробар буда, баландиаш 20 м. Деворaш дар даврaҳои гуногун аз хишти хому пухта сохта шудааст. Охирин бор баъди с. 1930 таъмир шуд. Дарвозаи шарқӣ а. 15 ва ғарбӣ а. 16 сохта шуд. Дар ду тарафи пештоқи дарвозаи ғарбӣ «гулдаста»-ҳо ва дар байни онҳо бинои сеошьёна то ҳол хуб боқӣ мондааст. Дар дохили А. Б. девонхонаҳо, биноҳои иқоматӣ, қасри амир, масҷиди ҷомеъ, масҷиди хурд (барои оилаи амир), зарробхона, заргархона, ҳавлӣ ва идораи қушбегӣ, зиндон, ҳарам, саломхона, хазинаи амир, дорухона (борутхона), ҳаммом, саисхона, устохонаҳо, 18 мусофирхона ва қорихона воқеъ буд. Дар аҳди Саид Олимхон дар А. Б. қариб 3000 кас зиндагӣ мекард. Ҳоло камтар аз 30%-и биноҳо боқӣ мондааст, ки дар онҳо Музеи кишваршиносии вил. Бухоро ҷой гирифтааст. Берун аз дарвозаи А. Б. дар майдони Регистон низ биноҳо бисьёр будаанд.

Арки Бухоро, а-ҳои 18—19.

Дар шафати дарвоза пешайвоне буд, ки дар он тӯпҳо меистоданд. Дар самти чапи дарвоза меҳмонхонаи лашкарбошӣ, дар рост — қӯрхона ва устохонаи таъмири яроқ воқеъ буд.

Дар дохили А. Б. дар майдони 120 × 100 м ҳафриёт гузаронида шуд, ки қабати болоии мадании археологии он ба солҳои аввали а. 20 ва қабати поёнӣ ба а. 15 мансуб аст. Аз ҳар қабати мадании археологӣ осори биноҳо, зарфҳои сафолӣ, маснуоти металлӣ ёфт шуд. Рӯи кӯчаи сангфарши а. 15, харобаи масҷид, ҳавлиҳо бо хонаю долонҳояшон кушода шуд. Вақти тоза кардани девори А. Б. девори дигаре ёфт шуд, ки эҳтимол а. 5 м. чун такьяи девори қадимтар хизмат мекард. Бозьёфтҳои археологӣ, ки ҳангоми ҳафриёт ба даст омад, гуногун ва бой аст. Хусусан зарфҳои сафолии а. 18 — ибтидои а. 19 ҷолиби диққатанд, ки шоҳиди нашъунамои ҳунарманди мебошад.

Ад.: Андреев М. С., Чехович О. Д., Арк Бухары, Д., 1972.

И. Аҳроров.

АРККОСИНУС (лот. arcus — камон ва *косинус*), яке аз *функцияҳои тригонометрии баръакс*. Ишораташ Arccos x ё arccos x.

АРККОТАНГЕНС (лот. arcus — камон ва *котангенс*), яке аз *функцияҳои тригонометрии баръакс*. Ишораташ Arcctg x ё arcctg x.

АРКОЗ (франс. arcose), регсанги аркозӣ, ҷинси кӯҳии дурушт-донаи гулобӣ ё сурхранг, ки аз шпатҳои даштии калий, плагиоклаз, кварц таркиб ёфта, баъзан ба миқдори кам резаҳои абрақ дорад. А. дар натиҷаи вайрон шудани гранит, гнейс ва диг. ҷинсҳои ба онҳо монанд ба вуҷуд омада, аксар дар ноҳияҳои чиндор ва атрофи сипари платформаҳо вомехӯрад.

АРКОНИ ДИН (ар. ارکان دین аркон ҷамъи رکن рукн — пояҳо), расму оин, шартҳои асосии дини ислом, ки риояи онҳо барои ҳар як мусулмон ҳатмист. Дини ислом панҷ рукни асосӣ («бинои мусулмонӣ») дорад: калимаи шаҳодат (эътиқод ба худои ягона — Оллоҳ ва фиристодаи ӯ Муҳаммад), панҷ вақт *намоз*, *рӯза*, *закот*, *ҳаҷ*. Ислом диндоронро бо риояи ин рукнҳо маҳдуд, ҳама чизро ба қазову қадар, ба иродаи Оллоҳ вобаста карда, оммаро дар рӯҳи бефаъолиятӣ тарбия намуда, диққати онҳоро аз ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва маънавию маишӣ дур медорад.

С. Аҳмадов.

АРКОНИ ҶАЙШ (ар. ارکان جیش ва قوشون), қисмҳои асосии лашкар; пешгард, марказ, чапу рост ва аҷибгоҳи лашкар.

АРКОНӢ, навъи харбузаи тирамоҳӣ. Бештар дар водии Вахшу Ҳисор, вил. Ленинобод ва инчунин вил-ҳои Самарқанд, Бухоро ва Тошкенту Сурхондарьёи РСС Ӯзб. кишта мешавад. Баъди 110—120 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш тухмшакли нӯкборик, дарозиаш 30—35 см, вазнаш 4—

7 кг. Пӯсташ камтӯри сабзи баланд, мағзаш сабз, хушлаззати сершира, то 9,1% қанд дорад. Аз ҳар га то 350 ц ҳосил медиҳад. Дер нигоҳ дошта, хушконидан ва ба ҷойҳои дур бурдан мумкин аст.

АРКСИНУС (лот. arcus — камон ва *синус*), яке аз *функцияҳои тригонометрии баръакс*. Ишораташ Arcsin x ё arcsin x.

АРКТАНГЕНС (лот. arcus — камон ва *тангенс*), яке аз *функцияҳои тригонометрии баръакс*. Ишораташ Arctg x ё arctg x.

АРКТИКА (юн. Arktikós — шимолӣ), ноҳияи қутби шимолии кураи Замин. А. канори материкҳои Евросиё ва Америкаи Шимолӣ, қариб тамоми уқ. Яхбастаи Шимолиро бо ҷаз-ҳояш, инчунин қисмҳои ҳамҳудуди уқ-ҳои Атлантик ва Оромро дарбар мегирад. Сарҳади А. бо сарҳади ҷанубии минтақаи тундра мувофиқ омадааст. Масоҳ. А. (якҷоя бо сатҳи об) қариб 27 млн км². Бештар аз нисфи онро уқ. Яхбастаи Шимолӣ ташкил медиҳад. Ба А.-и хушкӣ як қисми терр-ҳои СССР, Канада, штати Аляскаи ШМА, Дания (Гренландия) ва Норвегия (Шпицберген) дохил мешаванд.

Сохти геологӣ, рельеф ва сарватҳои зеризаминӣ. Структураи А. давоми структураҳои уқ-ҳои Атлантику Ором аст. Дар таркиби хушкиҳои арктикӣ, шельф (тунукобаи назди соҳил) ва ҷаз-ҳои ҳамҳудуди онҳо комплексҳои мураккаби таҳнишастҳои токембрий, палеозой ва мезокайнозой, инчунин ҷинсҳои магмавии гуногунтаркиб ҷой доранд. Ба ҳудуди А. ноҳияҳои платформаи қадим дохил мешаванд, ки онҳоро системаҳои чиндори байкалӣ, каледонӣ, герцинӣ ва мезозой аз ҳам ҷудо месозанд. Платформаҳои Баренцу Кара, Гиперборей ва Сибири Ғарбӣ аз ҷумлаи платформаҳои байкалӣ ва палеозоианд. Дар бисьёр ҷойҳои А., махсусан дар ҳудуди б. Гренланд ва б. Лаптевҳо, зилзилаҳои 6—8 балли рӯй медиҳанд. А. аз рӯи хусусияти рельеф ба ду зонаи морфоструктурӣ ҷудо мешавад: а) шельфи калонтарини ҷаҳон бо ҷаз-ҳо ва канорҳои ҳамшафати материкҳо; б) ҳавзаи арктикӣ, ки хусусиятҳои асосии рельефи онро қ-кӯҳҳои зериобии Ломоносов ва Менделеев муайян мекунанд. Дар А. конҳои ангиштсанг, ангишти бӯр, лигнит, намаксанг, маъдани металлҳои ранга ва нодир, ашьёи хоми оптикӣ ва ғ. вомехӯранд.

Иқлими А. ниҳоят хунук аст. Норасоии радиацияи офтоб, гардиши фаровони массаҳои ҳавои хунук дар атмосфера ва яхбандии сатҳи об — хусусиятҳои хоси табиати Арктикаанд. Ҳарор. паст (моҳи янв. то — 60° С), шамолҳои сахт, барфҳои паи ҳам, бӯронҳо, ҳавои абрнок, резаборонҳои доимию туман — ҷиҳатҳои асосии обу ҳавои А. мебошанд. Боришоти солонаи А. аз 100 то 400 мм.

Олами органикӣ. Наботот дар А. кам ва хеле тунук меруяд. Аз растаниҳо (дар ҷан.) ушна, гулсанг, буттаҳои тӯс ва бед вомехӯранд. Марғзору ботлоқзори бисьёре дорад. Олами ҳайвоноти А.-ро бесутунмӯҳраҳо (махсусан баҳриашон) ташкил медиҳанд. Дар байни сутунмӯҳрадорон паррандаҳои гага, мурғобӣ; аз ширхорҳо—хирси сафед, рӯбоҳи қутбӣ, гавазни шимолӣ; дар баҳр — моржу тюленьҳо ҳастанд. Дар шим. Канада ва Гренландия говмешҳо боқӣ мондаанд. Дар хоҷагии моҳидорӣ лососу трескаҳо ҷои асосиро мегиранд.

Таъриҳи тадқиқот. Омӯхтани А. аз а. 12 оғоз ёфтааст. Дар а. 17 саноатчиёни рус ва казакҳо (М. Ребров, М. Стадухин, С. Дежнёв) қадқади соҳилҳои шим. Сибирь роҳ паймуда, дар байни Осиё ва Америкаи Шимолӣ гулӯгоҳеро кашф намуданд. Дар а-ҳои 16—17 экспедицияҳои Уиллоби В. Баренц, Х. Гудзон, Д. Дейвис, У. Баффин ва ғ. бо мақсади ёфтани гузаргоҳҳои шим. шарқӣ ва шим. ғарбӣ ташкил шуда, боиси кашфи як қатор галаҷаз. ва ҷаз-ҳо гардиданд. С-ҳои 1893—96 киштии норвегии «Фрам» (экспедицияи Ф. Нансен) аз байни яхҳои ҳавзаи Арктикии назди Шпицберген гузашт. Экспеди-

цияҳои Р. Амундсен дар киштиҳои «Иоа» (1903—06) ва «Мод» (1918—20) ва ба Қутби Шимолӣ расидани сайёҳи америкоӣ Р. Пири (1909) аз ҷумлаи экспедицияҳои намоёни хориҷии а. 20 ба шумор мераванд. Баҳрнавардони рус аввалин бор дар а. 18 бо ташаббуси М. В. Ломоносов ба омӯхтани дарунтари А. шурӯъ карда буданд. Баъди Рев. Октябрь тадқиқи А. мунтазам давом дода шуд. Моҳи май 1937 экспедицияи ҳавоӣ бо сардории О. Ю. Шмидт нахустин ст. сайёри ҷаҳон — «Северный полюс-1»-ро, ки роҳбараш И. Д. Папанин буд, дар ноҳияи Қутби Шимолӣ ба рӯи ях фуровард. С-ҳои 1937—40 киштии советии «Георгий Седов» дар зарфи 812 рӯз қисми хеле калони тадқиқнашудаи А.-ро тай намуд. Корҳои илмии тадқиқотие, ки СССР дар даврахои дуюмин Соли байналхалқии қутбшиносӣ (1932—33) ва Соли байналхалқии геофизикӣ (1957—59) гузаронид, дар омӯзиши А. марҳилаи нав гардиданд. Аз с. 1950 инҷониб станцияҳои сайёри «Северный полюс» ва экспедицияҳои қутбӣ тамоми сол машғули тадқиқотанд. С. 1973 омӯзиши комплексии океанографӣ, гидрометеорологӣ ва геофизикии баҳрҳои арктикӣ, резиштоҳи дарьёҳои Сибирь, уқ. Яхбастаи Шимолӣ давом дода шуд. Яке аз комьёбиҳои бузурги омӯзиши табиати А. бори аввал тартиб дода шудани «Атласи Арктика» мебошад, ки он маҳсули тадқиқоти бисьёрсола аст. Тадқиқи балансу захираҳои оби А. дар илм ва х. х. аҳамияти калон доранд. Дар давоми чанд соли охир киштигардӣ (навигация) дар роҳи баҳрии Шимолӣ дар як сол ба ҷои 3—4 моҳи муқаррарӣ — ба бештар аз ним сол расонида шуд. Ҳоло барои дар тамоми фаслҳои сол таъмин кардани киштигардии арктикӣ марҳилаи нави омӯзиши уқ. Яхбастаи Шимолӣ ва баҳрҳои он сар шудааст.

Баҳори с. 1973 экспедицияи қутбии «Север» баъди анҷом додани суратгирии океанографии уқ. Яхбастаи Шимолӣ ҷашни 25-солагии худро қайд намуд. Баробари ин, дар 178 ҷой назорати гидрометеорологӣ гузаронида шуда, 7 станцияи автоматӣ ва 5 нуқтаи сайёри радио кор мекарданд. Дар тамоми таъриҳи экспедицияҳои арктикӣ чунин тадқиқоти ҳаҷмаи хеле калон аввалин бор ба ҷо оварда шуд. Комплекси корҳои тадқиқоти илмӣ оид ба режими гидрометеорологии А. ва проблемаи алоқамандии уқьёнус ва атмосфера ба итмом расиданд. Боз як тадқиқоти калон бо номи «Балансу захираҳои оби ноҳияҳои хушкии Қутби Шимолӣ ва уқ. Яхбастаи Шимолӣ» анҷом ёфт. Аввалин бор «Атласи баланси энергетикии ноҳияҳои Қутби Шимолӣ» тартиб дода шуд. С. 1974 дар А. 20 экспедиция амал кард. Экспедицияҳои океанографӣ бо киштиҳои «Шторм», «Маяк» ва «Шквал» дар баҳрҳои арктикӣ, киштиҳои тадқиқоти илмии «Профессор Визе» ва «Профессор Зубов» дар Атлантики Шимолӣ ва обҳои арктикӣ тадқиқоти бисьёре гузарониданд. Натиҷаҳои тадқиқоти экспедицияҳои океанографӣ барои тартиб додани маълумоти гидрометеорологӣ ва ҳодисаҳои яхбандӣ дар тирамоҳ истифода бурда мешуданд.

С. 1974 тадқиқи пирьяхҳои А. низ оғоз ёфт. Экспедицияи географӣ дар тали Вавилови ҷаз. Революцияи Октябрь базаи доимӣ ташкил карда, оид ба метеорология, актинометрия, гляциология, гидрология ва ғ. тадқиқоти васеи комплексӣ гузаронд. Дар тадқиқи Қутби Шимолӣ боз як комьёбии оламшумуле ба даст оварда шуд. 17 авг. 1977 экспедицияи советӣ дар киштии яхшикани атомии «Арктика» аввалин бор дар ҷаҳон ба Қутби Шимолӣ расид. Аъзоёни экспедиция дар он ҷо Байраҳи давлатии СССР-ро устувор намуда, лавҳаи чӯяниро, ки дар он тасвири Герби давлатии Иттифоқи Советӣ ва суханони «Киштии яхшикани атомии «Арктика», 60-солагии Октябрь» сабт гардидаанд, ба қаъри уқьёнус фурӯ нишонданд.

Тадқиқи мунтазами табиати А. вобаста бо тадбирҳои ҷиддии социалию иқтисодии азхуд кардани Шимоли дурдаст давом дорад. Дар тадқиқи А. ғайр аз СССР—ШМА, Канада, Англия, Франция ва Дания иштирок доранд.

Харитаро ниг. дар сах. 240—241.

Ад.: Гаккель Я. Я., Наука и освоение Арктики, Л., 1957; Горбацкий Г. В., Северная полярная область, Л., 1964; Дерюгин К. К., Советские океанографические экспедиции, Л., 1968.

АРМАВИР, шаҳр дар кишв. Краснодари РСФСР, дар соҳили чапи д. Кубань. Узели р. о. ва шоссе. Аҳол. 158 ҳаз. наф. (1977). А. маркази дуюми (баъди Краснодар) кишвар аст. Саноати хӯрокворӣ (комб-ҳои консерви гӯшт, равған ва ғ.), мошинсозӣ (з-дҳои асбобсозӣ, мошинҳои саноати нефть, электротехника ва ғ.), чӯбгарӣ ва саноати сабук тараққӣ кардааст. Комб. тагчарми сунъӣ, з-ди кубурҳои сафолӣ ва ғ. дорад. Дар А. ин-ти педагогӣ, филиали Ин-ти политехникии Краснодар, техникумҳои мошинсозӣ, механикию технологӣ, зооветеринарӣ ва ҳуқуқшиносӣ; музеи кишваршиносӣ, театри драма, маркази намоиши телевизион воқеанд. А. с. 1839 буньёд ёфтааст, аз с. 1934 шаҳр.

АРМАНД (Стеффен) Инесса (Елизавета Фёдоровна) (26. 4. 1874, Париж—24. 9. 1920), ходими партияи большевикӣ ва ҳаракати байналхалқии коммунистӣ. Аъзои КПСС аз с. 1904. Аз оилаи артист. Иштирокчии фаъоли Рев. 1905—07. Борҳо ҳабс ва бадарға шудааст. Дар мактаби партиявӣ дар Ловжюмо лекция ҳонд. С. 1912 ба Петербург ба кори пинҳонии партиявӣ фиристода шуд. С-ҳои 1915—16 намояндаи партияи большевикӣ дар Конференцияи байналхалқии социалистии занон, Конференцияи байналхалқии ҷавонон ва конференцияҳои интернационалистони Циммервальд, Кинталь. С. 1916 як қатор асарҳои В. И. Ленин ва қарорҳои партияро ба забони франсавӣ тарҷума кард. Вакили Конференцияи 7-уми (апрелии) умумироссиягӣ ва Съезди 6-уми РСДРП(б). Баъди Рев. Октябрь аъзои бюрои Комитети губернияи москвагии РСДРП(б), комиҷроияи губерния ва раиси совети ҳоҷагии халқи губерния. С. 1918 мудири шӯъбаи оид ба корҳои занон дар назди КМ РКП(б). Дар журнали «Коммунистка» (бо тахал. Елена Блонина) ҳамкорӣ кард. Иштирокчии фаъоли Конгресси 2-юми Интернационали Коммунистӣ. Муаллифи китобчаҳои оммавӣ. Дар Майдони Сурхи Москва дафн карда шудааст.

АРМАНИСТОН (Айастон — кишвари арманҳо), Республикаи Советии Социалистии Арманистон (Айкакан Советакан Социалистакан Анрапетутюн), республикаи иттифоқии советии социалистӣ, ки 29 нояб. 1920 ташкил ёфтааст. Дар қисми ҷан. Закавказия ҷо гирифта, дар Шим. бо РСС Гурҷ., дар Ш. бо РСС Озарб., дар Ғ. бо Туркия ва дар Ҷ. бо Эрон ҳамсарҳад мебошад. Масоҳ. 29,8 ҳаз. км². Аҳол. 2893 ҳаз. наф. (1 янв. 1977). А. ба 36 район тақсим шуда, 24 шаҳр ва 33 птш дорад. Пойтахташ — ш. Ереван.

Сохти давлатӣ. РСС Арм. давлати социалистии коргарон ва деҳқонон, республикаи соҳибихтиёри советии социалистӣ буда, ба СССР ихтиёран дохил шудааст. Конституцияи ҷории РСС Арм. 23 марти 1937 дар съезди 9 фавқулоддаи Советҳои Арманистон қабул шудааст. Органи олии ҳокимияти давлатии РСС Арм.— Совети Олии республика, ки ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад, дар давраи байни сессияҳо Президиуми Совети Олӣ мебошад. Органи олии иҷроия ва амрдиҳандаи ҳокимияти давлатӣ — Совети Вазирон, органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Советҳои районӣ, шаҳрӣ, посёлкавӣ ва қишлоқии депутатҳои халқӣ мебошанд. Системаи судӣ: Суди Олии РСС Арм. ва судҳои халқии районӣ.

Табиат. А. қисми шим. шарқии кӯҳсори Арманро ишғол мекунад, баландии миёнааш аз с. б. 1800 м, нуқтаи баландтаринаш дар к. Арагац — 4090 м аст. Қариб 90 фоизи ҳудуди А. аз с. б. зиёда аз 1000 м баланд аст. Қисми шим. шарқӣ асосан аз қ-кӯҳҳои чиндори Кавкази Хурд (Сомхет, Базум, Памбак, Арегуни, Севан ва ғ.) иборат буда, рельефаш структурию тектоникӣ ва оббурида аст. Қисми ҷанубӣ бештар кӯҳҳои чиндору ҳамвор дорад, ки баландтарини онҳо қ-кӯҳи Зангезур (к. Капутҷӯҳ, 3904 м) аст ва бо шоҳаҳояш қариб

меридиани тӯл кашидааст. Як қисми соҳили чапи ҳавзаи Араси Миёна ҳам ба ҳудуди А. дохил мешавад. Рельефи қисми шим. ғарбии он — ҳамвории Арарат (800—1000 м) аккумулятивӣ мебошад. Сохти геологии А. хеле мураккаб буда, дар ин ҷо ҷинсҳои кӯҳии давраҳои гуногун мавҷуданд. Сарзамини А. конҳои мис, молибден, оҳан, тилло, масолеҳи бинокорӣ ва зиёда аз 1000 чашмаи оби минералӣ дорад.

А. дар минтақаи субтропикӣ ҷой гирифта, иқлимаш гуногун аст. Ҳарор. миёнаи солона аз 2,7° С то 13,8° С, тобистон (дар пастиҳо) 24°—26° С, дар ҷойҳои баландкӯҳ аз 10° то 15° С, зимистон 0,9°—14° С. Ҳарор. баланд 42° С, пасттарин — 46° С. Бориши солона аз 200 то 800 мм.

Дар А. зиёда аз 200 дарьё ҳаст. Калонтарини онҳо Аракс бо шохобҳояш Ахурян, Севҷур, Роздон, Арпа, Воротан ва ғ. мебошад. Д-ҳои Дабад ва Ағстов ба д. Кура мерезанд. Ин д-ҳо тезоб ва серостонаанд, барои обьёрӣ ва чун манбаи гидроэнергия истифода мешаванд. Кӯл низ бисьёр ва калонтарини онҳо Севан аст. Ҳок ва олами наботот ба тариқи минтақаи вертикалӣ ҷой гирифтаанд. Дар пастиҳо ландшафт нимбиёбон буда, хокаш хокистарӣ ва тираранг аст. Дар доманаҳои кӯҳ хокҳои дорчинӣ ва чимтолӣ ба назар мерасад. Дар ноҳияҳои шим. шарқӣ ва ҷан. шарқӣ бешаҳои дорчинхок ва тирахок зиёданд. Даштҳои сиёҳхок ва баландтар аз он — ландшафти альпӣ бо марғзори кӯҳӣ бештар паҳн шудааст.

Олами ҳайвонот гуногун буда, ба ноҳияҳои зерин тақсим мешавад: Эрон (ҷайра, шағол, хояндаю хазандаҳо), Осиёи Хурд (хорпуштак, мири мушон, кӯршабпарак) ва Кавказ (оҳу, нахчир, гурбаи беша, хирс, гуроз, паррандаҳои беша ва диг.). Ҳайвонҳои хоси маҳал—бузи кӯҳӣ, нахчир, мурғи ҳилол ва гулмоҳӣ (дар Севан).

Аҳолӣ. Аҳолии асосӣ — арманиҳо (88,6%). Инчунин озарбойҷониҳо, русҳо, курдҳо, украинҳо, юнониён ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 87,4 наф.; қариб нисфи аҳолӣ дар ҳамвории Арарат зиндагӣ мекунад, дар ин ҷо ба 1 км² 690 наф. рост меояд. 14%-и ҳудуди А. (аз 2400 м баланд) аҳолии муқимӣ надорад. Ш-ҳои калон: Ереван (956 ҳаз. наф.), Ленинакан (171 ҳаз. наф.), Кировакан (114 ҳаз. наф. 1977).

Очерки таърихӣ. Кӯҳсори Арман яке аз қадимтарин марказҳои маданияти ҷаҳонист. Одамони ибтидоӣ дар ин ҷо аз нимаи якуми давраи чорумин зиндагӣ карда, дар давраи неолит ба деҳқонӣ гузаштаанд. Дар ҳазорсолаи 2 ва 1 то м. ҷамъияти синфӣ ташаккул ёфта, иттифоқҳои қабилавӣ ба вуҷуд омаданд ва дар а. 9 то м. ба давлати ғуломдории Урарту табдил ёфтанд, ки он маданияти баланд дошт. Қалъаҳо ва марказҳои хоҷагию маъмурии Тушпа, Эребуни, Тейшебаини осори муҳимми Урарту мебошанд.

Халқи арман дар натиҷаи процесси мураккаби омезиши қабилаҳои маҳаллии кӯҳсори Арман (урартҳо, ҳайҳо, арменҳо) ташаккул ёфтааст. Баъди таназзули Урарту (а. 6 то м.) хоки онро шоҳи арман ишғол кард. Дар охири а. 6 то м. онро давлати Ҳахоманишиёни Эрон забт намуд. Баъди давлати эрониёнро торумор кардани Искандари Мақдунӣ давлати Ервандиёни арманиҳо ба вуҷуд омад. Дар нимаи якуми а. 3 то м. аз давлати Ервандиён вил-ҳои ҷанубу ғарб — шоҳии Коммаген ва Софен ҷудо шуданд. Дар охири а. 3 то м. давлати арманҳо ба Селевкиён тобеъ шуд. Ҳокимони А. Кабир ва Софен аз таназзули Селевкиён истифода бурда, с. 189 то м. истиқлол ба даст оварданд. Дар А. Кабир сулолаи Арташесҳо пойдор гардид, ки машҳуртарин намояндаи он Тиграни II (95—56 то м.) буд. Ӯ заминҳои асосии арманҳоро аз нав як кард. А. давлати калони давраи эллинизм гардид. С. 62 м. дар А. Кабир сулолаи Ашкониён пойдор гардид. Дар нимаи 2-юми а. 3 А. Кабир ба Сосониёни Эрон тобеъ шуд. С. 387 Эрон ва империяи Византия А.-ро байни худ тақсим карданд. Аз а. 3 дар А. муносибатҳои феодалӣ ба вуҷуд омаданд. Дар аввали а. 4 А. дини насрониро қабул кард. Калисои арманӣ — григорианӣ ташкилоти бузурги феодалӣ гардид. Ташаккули маданияти феодалии арман оғоз ёфт. Халқи арман барои барқарор намудани истиқлолияти худ сахт мубориза бурд. Бар зидди ҳукмронии Эрон якчанд шӯриши калон (450—451 бо роҳбарии Вардан Мамиконян, шӯришҳои 481—484, 571—572) ба вуқӯъ омад. Дар нимаи 2-юми а. 7 А.-ро хилофати араб забт кард. Охири а. 9 дар натиҷаи муборизаи дуру дарози халқи арман бар зидди арабҳо давлати Багратиён ба вуҷуд омад. Баробари инкишофи муносибатҳои феодалӣ дар А. болоравии навн ҳаёти иқтисодӣ ва маданӣ сар шуд. Ш-ҳои Ани, Ван, Двин, Қарс, Маназкарт ва ғ. марказҳои калони ҳунармандӣ ва тиҷорат шуданд. Вале А.-ро а. 11 *Салҷуқиён*, а. 13 тотору мӯғулҳо забт намуданд. Давлати арманҳо несту нобуд, шаҳрҳо харобу валангор шуда, қувваҳои истеҳсолкунанда таназзул ёфт. Муҳоҷирати арманҳо ба диг. мамлакатҳо авҷ гирифт. Дар канори ҷан. шарқии Осиёи Сағир давлати Киликияи арманҳо (1080—1375) ба вуҷуд омада, иқтисодиёт ва маданияти он хеле тараққӣ кард.

Аввали а. 15 А.-ро қабилаҳои бодиянишини турк забт карданд. Дар а-ҳои 16—18 А. ба арсаи муборизаи шадиди Туркия ва Эрон табдил ёфт. С. 1639 А. ба ду тақсим шуд: А.-и Шарқӣ ба Эрон, А.-и Ғарбӣ ба Туркия гузашт. Ҷабру ситами иҷтимоӣ ва миллию динӣ боиси муқобилати сахти халқи арман гардид. С-ҳои 1722—28 дар Қарабоғ ва Сюник ба муқобили истилогарон шӯриши калон ба амал омад. Халқи арман дар рафти муборизаи зидди истилогарони хоричӣ ба Россия торафт бештар майл мекард. Дар натиҷаи ҷанги Россияю Эрон (1826—28) мувофиқи шартномаи Туркманҷой (1828) А.-и Шарқӣ ба Россия ҳамроҳ шуд. Ба Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ барои халқи арман аҳамияти калон дошт; муносибатҳои капиталистӣ инкишоф ёфта, А. ба бозори умумироссиягӣ дохил шуд. А.-и Ғарбӣ дар зери асорати Туркия монд. Арманҳои ғарб кӯшиш мекарданд, ки аз зулми туркҳо озод ва бо А.-и Шарқӣ ҳамроҳ шаванд (шӯриши Зайтун с. 1862, ҳаракатҳои озодихоҳонаи с-ҳои 1870—80). Дар рафти муборизаи зидди зулми мутлақияти подшоҳӣ ва бедодгарии султон дар А.-и Шарқӣ ва Ғарбӣ ҷараёнҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Меҳнаткашони А. дар Рев. 1905—07 фаъолона иштирок карданд.

Ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь ба озодии халқи арман ибтидо гузошт. 29. дек. 1917 СКХ Россияи Советӣ бо имзои В. И. Ленин декрет бо номи «Дар бораи Арманистони Туркия» қабул кард, ки дар он программаи озод шудани тамоми А. ва ба он додани истиқлолият баён шудааст. Вале тағйир ёфтани вазъияти байналхалқӣ барои иҷрои ин декрет имкон надод. Партияҳои буржуазии миллатчиён дар Закавказия ба сари ҳокимият омада, кишварро аз Россияи Советӣ ҷудо карданд. Моҳи мае 1918 дар А. партияи майдабуржуазии миллатчиёни Дашнакцутюн ба сари ҳокимият омада, мамлакатро республикаи соҳибихтиёри буржуазӣ эълон кард. Дар давоми ду соли ҳукмронии дашнакҳо А.-и Шарқӣ рӯ ба таназзул ниҳода, иқтисодаш заиф шуд. Қӯшунҳои Туркия ду маротиба (1918 ва 1920) ба А. ҳуҷум карда, мамлакатро харобу аҳолиро нобуд карданд. Моҳи мае 1920 меҳнаткашони А. бо роҳбарии ташкилотҳои большевикӣ шӯриш бардоштанд, ки онро ҳукумат бераҳмона паҳш кард. Аммо ҳукумати дашнакҳо ба фишори меҳнаткашон, ки ба онҳо Партияи Коммунистии А. роҳбарӣ мекард, тоб оварда натавонист. 29 нояб. 1920 меҳнаткашони А. бо ёрии қисмҳои Армияи Сурх ҳукумати дашнакҳоро сарнагун сохта, А.-ро Республикаи Советии Социалистӣ эълон карданд.

С-ҳои 1920—21 дар А.-и Советӣ аввалин дигаргунсозиҳои социалистӣ ба амал омаданд: замин, саноат, нақлиёт миллӣ кунонида шуда, азнавбарқароркунии хоҷагии халқ сар шуд. Февр. 1921 дашнакҳо исьёни контрреволюционӣ бардоштанд, дар

цияҳои Р. Амундсен дар киштиҳои «Иоа» (1903—06) ва «Мод» (1918—20) ва ба Қутби Шимолӣ расидани сайёҳи америкоӣ Р. Пири (1909) аз ҷумлаи экспедицияҳои намоёни хориҷии а. 20 ба шумор мераванд. Бахрнавардони рус аввалин бор дар а. 18 бо ташаббуси М. В. Ломоносов ба омӯхтани дарунтари А. шурӯъ карда буданд. Баъди Рев. Октябрь тадқиқи А. мунтазам давом дода шуд. Моҳи мае 1937 экспедицияи ҳавоӣ бо сардории О. Ю. Шмидт нахустин ст. сайёри ҷаҳон — «Северный полюс-1»-ро, ки роҳбараш И. Д. Папанин буд, дар ноҳияи Қутби Шимолӣ ба рӯи ях фуровард. С-ҳои 1937—40 киштии советии «Георгий Седов» дар зарфи 812 рӯз қисми хеле калони тадқиқнашудаи А.-ро тай намуд. Корҳои илмии тадқиқотие, ки СССР дар даврахои дуюмин Соли байналхалқии қутбшиносӣ (1932—33) ва Соли байналхалқии геофизикӣ (1957—59) гузаронид, дар омӯзиши А. марҳилаи нав гардиданд. Аз с. 1950 инҷониб станцияҳои сайёри «Северный полюс» ва экспедицияҳои қутбӣ тамоми сол маштгули тадқиқотанд. С. 1973 омӯзиши комплексии океанографӣ, гидрометеорологӣ ва геофизикии бахрҳои арктикӣ, резиштоҳи дарёҳои Сибирь, уқ. Яхбастаи Шимолӣ давом дода шуд. Яке аз комьёбиҳои бузурги омӯзиши табиати А. бори аввал тартиб дода шудани «Атласи Арктика» мебошад, ки он маҳсули тадқиқоти бисьёрсола аст. Тадқиқи балансу захираҳои оби А. дар илм ва х. х. аҳамияти калон ҳоранд. Дар давоми чанд соли охир киштигарди (навигация) дар роҳи бахрии Шимолӣ дар як сол ба ҷои 3—4 моҳи муқаррарӣ — ба бештар аз ним сол расонида шуд. Ҳоло барои дар тамоми фаслҳои сол таъмин кардани киштигардии арктикӣ марҳилаи нави омӯзиши уқ. Яхбастаи Шимолӣ ва бахрҳои он сар шудааст.

Баҳори с. 1973 экспедицияи қутбии «Север» баъди анҷом додани суратгирии океанографии уқ. Яхбастаи Шимолӣ ҷашни 25-солагии худро қайд намуд. Баробари ин, дар 178 ҷой назорати гидрометеорологӣ гузаронида шуда, 7 станцияи автоматӣ ва 5 нуқтаи сайёри радио кор мекарданд. Дар тамоми таъриҳи экспедицияҳои арктики чунин тадқиқоти ҳаҷмаи хеле калон аввалин бор ба ҷо оварда шуд. Комплекси корҳои тадқиқоти илмии оид ба режими гидрометеорологии А. ва проблемаи алоқамандии уқьёнус ва атмосфера ба итмом расиданд. Боз як тадқиқоти калон бо номи «Балансу захираҳои оби ноҳияҳои хушкии Қутби Шимолӣ ва уқ. Яхбастаи Шимолӣ» анҷом ёфт. Аввалин бор «Атласи балансу энергетикии ноҳияҳои Қутби Шимолӣ» тартиб дода шуд. С. 1974 дар А. 20 экспедиция амал кард. Экспедицияҳои океанографӣ бо киштиҳои «Шторм», «Маяк» ва «Шквал» дар бахрҳои арктикӣ, киштиҳои тадқиқоти илмии «Профессор Визе» ва «Профессор Зубов» дар Атлантики Шимолӣ ва обҳои арктикӣ тадқиқоти бисьёре гузарониданд. Натиҷаҳои тадқиқоти экспедицияҳои океанографӣ барои тартиб додани маълумоти гидрометеорологӣ ва ҳодисаҳои яхбандӣ дар тирамоҳ истифода бурда мешуданд.

С. 1974 тадқиқи пирьяҳҳои А. низ оғоз ёфт. Экспедицияи географӣ дар тали Вавилови ҷаз. Революцияи Октябрь базаи доимӣ ташкил карда, оид ба метеорология, актинометрия, гляциология, гидрология ва г. тадқиқоти васеи комплексӣ гузаронд. Дар тадқиқи Қутби Шимолӣ боз як комьёбии оламшумуле ба даст оварда шуд. 17 авг. 1977 экспедицияи советӣ дар киштии яхшикани атомии «Арктика» аввалин бор дар ҷаҳон ба Қутби Шимолӣ расид. Аъзоёни экспедиция дар он ҷо Байраки давлатии СССР-ро устувор намуда, лавҳаи чӯяниро, ки дар он тасвири Герби давлатии Иттифоқи Советӣ ва суханони «Киштии яхшикани атомии «Арктика», 60-солагии Октябрь» сабт гардидаанд, ба қаъри уқьёнус фурӯ нишонданд.

Тадқиқи мунтазами табиати А. вобаста бо тадбирҳои ҷиддии социалию иқтисодии азхуд кардани Шимоли дурдаст давом дорад. Дар тадқиқи А. ғайр аз СССР—ШМА, Канада, Англия, Франция ва Дания иштирок доранд.

Харитаро нг. дар сах. 240—241.

Ад.: Гаккель Я. Я., Наука и освоение Арктики, Л., 1957; Горбацкий Г. В., Северная полярная область, Л., 1964; Дерюгин К. К., Советские океанографические экспедиции, Л., 1968.

АРМАВИР, шаҳр дар кишв. Краснодари РСФСР, дар соҳили чапи д. Кубань. Узели р. о. ва шоссе. Аҳол. 158 ҳаз. наф. (1977). А. маркази дуюми (баъди Краснодар) кишвар аст. Саноати хӯрокворӣ (комб-ҳои консерви гӯшт, равган ва г.), мошинсозӣ (з-дҳои асбобсозӣ, мошинҳои саноати нефть, электротехника ва г.), чӯбгарӣ ва саноати сабук тараққӣ кардааст. Комб. тагчарми сунъӣ, з-ди қубурҳои сафолӣ ва г. дорад. Дар А. ин-ти педагогӣ, филиали Ин-ти политехникии Краснодар, техникумҳои мошинсозӣ, механикию технологӣ, зооветеринарӣ ва ҳуқуқшиносӣ; музеи кишваршиносӣ, театри драма, маркази намоиши телевизион воқеанд. А. с. 1839 буньёд ёфтааст, аз с. 1934 шаҳр.

АРМА́НД (Стеффен) Инесса (Елизавета Фёдоровна) (26. 4. 1874, Париж—24. 9. 1920), ходими партияи большевикӣ ва ҳаракати байналхалқии коммунистӣ. Аъзои КПСС аз с. 1904. Аз оилаи артист. Иштирокчии фаъоли Рев. 1905—07. Борҳо ҳабс ва бадарга шудааст. Дар мактаби партияви дар Лонжюмо лекция ҳонд. С. 1912 ба Петербург ба корҳои пинҳонии партияви фиристода шуд. С-ҳои 1915—16 намояндаи партияи большевикӣ дар Конференцияи байналхалқии социалистии занон, Конференцияи байналхалқии ҷавонон ва конференцияҳои интернационалистони Циммервальд, Кинталь. С. 1916 як қатор асарҳои В. И. Ленин ва қарорҳои партияро ба забони франсавӣ тарҷума кард. Вакили Конференцияи 7-уми (апрелии) умумироссиягӣ ва Съезди 6-уми РСДРП(б). Баъди Рев. Октябрь аъзои бюрои Комитети губернияи москвагии РСДРП(б), комиҷроияи губерния ва раиси советии хоҷагии халқи губерния. С. 1918 мудири шӯъбаи оид ба корҳои занон дар назди КМ РКП(б). Дар журнали «Коммунистка» (бо таҳал. Елена Блонина) ҳамкорӣ кард. Иштирокчии фаъоли Конгресси 2-юми Интернационали Коммунистӣ. Муаллифи китобчаҳои оммавӣ. Дар Майдони Сурхи Москва дафн карда шудааст.

АРМАНИСТО́Н (Айастон — кишвари арманҳо), Республикаи Советии Социалистии Арманистон (Айкакан Советакан Социалистакан Анрапетутюн), республикаи иттифоқии советии социалистӣ, ки 29 нояб. 1920 ташкил ёфтааст. Дар қисми ҷан. Закавказия ҷо гирифта, дар Шим. бо РСС Гурҷ., дар Ш. бо РСС Озарб., дар Ғ. бо Туркия ва дар Ҷ. бо Эрон ҳамсарҳад мебошад. Масоҳ. 29,8 ҳаз. км². Аҳол. 2893 ҳаз. наф. (1 янв. 1977). А. ба 36 ноҳия тақсим шуда, 24 шаҳр ва 33 нтш дорад. Пойтахташ — ш. Ереван.

Сохти давлатӣ. РСС Арм. давлати социалистии коргарон ва деҳқонон, республикаи соҳибихтиёри советии социалистӣ буда, ба СССР ихтиёран дохил шудааст. Конституцияи ҷории РСС Арм. 23 марти 1937 дар съезди 9 фавқулоддаи Советҳои Арманистон қабул шудааст. Органи олии ҳокимияти давлатии РСС Арм.— Совети Олии республика, ки ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад, дар давраи байни сессияҳо Президиуми Совети Олӣ мебошад. Органи олии иҷроия ва амрдиҳандаи ҳокимияти давлатӣ — Совети Вазирон, органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Советҳои районӣ, шаҳрӣ, посёлкавӣ ва қишлоқии депутатҳои халқи мебошанд. Системаи судӣ: Суди Олии РСС Арм. ва судҳои халқии районӣ.

Табиат. А. қисми шим. шарқии кӯҳсори Арманро ишгол мекунад, баландии миёнааш аз с. б. 1800 м, нуқтаи баландтаринаш дар к. Арагац — 4090 м аст. Қариб 90 фоизи худуди А. аз с. б. зиёда аз 1000 м баланд аст. Қисми шим. шарқӣ асосан аз қ. кӯҳҳои чиндори Кавкази Хурд (Сомхет, Базум, Памбак, Арегуни, Севан ва г.) иборат буда, рельефаш структурию тектоники ва оббурида аст. Қисми ҷанубӣ бештар кӯҳҳои чиндору ноҳамвор дорад, ки баландтарини онҳо к. кӯҳи Зангезур (к. Капутҷӯх, 3904 м) аст ва бо шоҳаҳояш қариб

меридиани тӯл кашидааст. Як қисми соҳили чапи ҳавзаи Араси Миёна ҳам ба ҳудуди А. дохил мешавад. Рельефи қисми шим. ғарбии он — ҳамвории Арарат (800—1000 м) аккумулятивӣ мебошад. Сохти геологии А. хеле мураккаб буда, дар ин ҷо ҷинсҳои кӯҳии давраҳои гуногун мавҷуданд. Сарзамини А. конҳои мис, молибден, оҳан, тилло, масолеҳи бинокорӣ ва зиёда аз 1000 чашмаи оби минералӣ дорад.

А. дар минтақаи субтропикӣ ҷой гирифта, иқлимаш гуногун аст. Ҳарор. миёнаи солона аз 2,7° С то 13,8° С, тобистон (дар пастиҳо) 24°—26° С, дар ҷойҳои баландкӯҳ аз 10° то 15° С, зимистон 0,9°—14° С. Ҳарор. баланд 42° С, пасттарин — 46° С. Бориши солона аз 200 то 800 мм.

Дар А. зиёда аз 200 дарьё ҳаст. Калонтарини онҳо Аракс бо шохобҳояш Ахурян, Севҷур, Роздон, Арпа, Воротан ва ғ. мебошад. Д-ҳои Дабад ва Аҳстов ба д. Кура мерезанд. Ин д-ҳо тезоб ва серостонаанд, барои обьёрӣ ва чун манбаи гидроэнергия истифода мешаванд. Кӯл низ бисьёр ва калонтарини онҳо Севан аст. Хок ва олами наботот ба тариқи минтақаи вертикалӣ ҷой гирифтаанд. Дар пастиҳо ландшафт нимбиёбон буда, хокаш хокистарӣ ва тираранг аст. Дар доманаҳои кӯҳ хокҳои дорчинӣ ва чимтолӣ ба назар мерасад. Дар ноҳияҳои шим. шарқӣ ва ҷан. шарқӣ бешаҳои дорчинхок ва тирахок зиёданд. Даштҳои сиёҳхок ва баландтар аз он — ландшафти альпӣ бо марғзори кӯҳӣ бештар паҳн шудааст.

Олами ҳайвонот гуногун буда, ба ноҳияҳои зерин тақсим мешавад: Эрон (ҷайра, шаҳол, хояндаю хазандаҳо), Осиёи Хурд (хорпуштак, мири мушон, кӯршабпарак) ва Кавказ (оҳу, нахчир, гурбаи беша, хирс, гуроз, паррандаҳои беша ва диг.). Ҳайвонҳои хоси маҳал—бузи кӯҳӣ, нахчир, мурғи ҳилол ва гулмоҳӣ (дар Севан).

Аҳолӣ. Аҳолии асосӣ — арманиҳо (88,6%). Инчунин озарбойҷониҳо, русҳо, курдҳо, украинҳо, юнониён ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 87,4 наф.; қариб нисфи аҳолӣ дар ҳамвории Арарат зиндагӣ мекунад, дар ин ҷо ба 1 км² 690 наф. рост меояд. 14%-и ҳудуди А. (аз 2400 м баланд) аҳолии муқимӣ надорад. Ш-ҳои калон: Ереван (956 ҳаз. наф.), Ленинакан (171 ҳаз. наф.), Кировакан (114 ҳаз. наф. 1977).

Очерки таърихӣ. Кӯҳсори Арман яке аз қадимтарин марказҳои маданияти ҷаҳонист. Одамони ибтидоӣ дар ин ҷо аз нимаи якуми давраи чорумин зиндагӣ карда, дар давраи неолит ба деҳқонӣ гузаштаанд. Дар ҳазорсолаи 2 ва 1 то м. ҷамъияти синфӣ ташаккул ёфта, иттифоқҳои қабилавӣ ба вуҷуд омаданд ва дар а. 9 то м. ба давлати ғуломдории Урарту табдил ёфтанд, ки он маданияти баланд дошт. Қалъаҳо ва марказҳои хоҷагию маъмурии Тушпа, Эребуни, Тейшебаини осори муҳимми Урарту мебошанд.

Халқи арман дар натиҷаи процесси мураккаби омезиши қабилаҳои маҳаллии кӯҳсори Арман (урартҳо, ҳайҳо, арменҳо) ташаккул ёфтааст. Баъди таназзули Урарту (а. 6 то м.) хоки онро шоҳи арман ишғол кард. Дар охири а. 6 то м. онро давлати Ҳахоманишиёни Эрон забт намуд. Баъди давлати эрониёнро торумор кардани Искандари Мақдунӣ давлати Ервандиёни арманиҳо ба вуҷуд омад. Дар нимаи якуми а. 3 то м. аз давлати Ервандиён вил-ҳои ҷанубу ғарб — шоҳии Коммаген ва Софен ҷудо шуданд. Дар охири а. 3 то м. давлати арманҳо ба Селевкиён тобеъ шуд. Ҳокимони А. Кабир ва Софен аз таназзули Селевкиён истифода бурда, с. 189 то м. истиқлол ба даст оварданд. Дар А. Кабир сулолаи Арташесҳо пойдор гардид, ки машҳуртарин намояндаи он Тиграни II (95—56 то м.) буд. Ӯ заминҳои асосии арманҳоро аз нав як кард. А. давлати калони давраи эллинизм гардид. С. 62 м. дар А. Кабир сулолаи Ашкониён пойдор гардид. Дар нимаи 2-юми а. 3 А. Кабир ба Сосониёни Эрон тобеъ шуд. С. 387 Эрон ва империяи Византия А.-ро байни худ тақсим карданд. Аз а. 3 дар А. муносибатҳои феодалӣ ба вуҷуд омаданд. Дар аввали а. 4 А. дини насрониро қабул кард. Калисои арманӣ — григорианӣ ташкилоти бузурги феодалӣ гардид. Ташаккули маданияти феодалии арман оғоз ёфт. Халқи арман барои барқарор намудани истиқлолияти худ сахт мубориза бурд. Бар зидди ҳукмронии Эрон якчанд шӯриши калон (450—451 бо роҳбарии Вардан Мамиконян, шӯришҳои 481—484, 571—572) ба вуқӯъ омад. Дар нимаи 2-юми а. 7 А.-ро хилофати араб забт кард. Охири а. 9 дар натиҷаи мубориза дуру дарози халқи арман бар зидди арабҳо давлати Багратиён ба вуҷуд омад. Баробари инкишофи муносибатҳои феодалӣ дар А. болоравии нави ҳаёти иқтисодӣ ва маданӣ сар шуд. Ш-ҳои Ани, Ван, Двин, Қарс, Маназкарт ва ғ. марказҳои калони ҳунармандӣ ва тиҷорат шуданд. Вале А.-ро а. 11 *Салҷуқиён*, а. 13 тотору муғулҳо забт намуданд. Давлати арманҳо несту нобуд, шаҳрҳо харобу валангор шуда, қуввоҳои истеҳсолкунанда таназзул ёфт. Муҳоҷирати арманҳо ба диг. мамлакатҳо авҷ гирифт. Дар канори ҷан. шарқии Осиёи Сағир давлати Киликияи арманҳо (1080—1375) ба вуҷуд омада, иқтисодиёт ва маданияти он хеле тараққӣ кард.

Аввали а. 15 А.-ро қабилаҳои бодиянишини турк забт карданд. Дар а-ҳои 16—18 А. ба арсаи мубориза шадиди Туркия ва Эрон табдил ёфт. С. 1639 А. ба ду тақсим шуд: А.-и Шарқӣ ба Эрон, А.-и Ғарбӣ ба Туркия гузашт. Ҷабру ситами иҷтимоӣ ва миллию динӣ боиси муқобилати сахти халқи арман гардид. С-ҳои 1722—28 дар Қарабоғ ва Сюник ба муқобили истилогарон шӯриши калон ба амал омад. Халқи арман дар рафти мубориза зидди истилогарони хориҷӣ ба Россия торафт бештар майл мекард. Дар натиҷаи ҷанги Россияю Эрон (1826—28) мувофиқи шартномаи Туркманҷой (1828) А.-и Шарқӣ ба Россия ҳамроҳ шуд. Ба Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ барои халқи арман аҳамияти калон дошт; муносибатҳои капиталистӣ инкишоф ёфта, А. ба бозори умумироссиягӣ дохил шуд. А.-и Ғарбӣ дар зери асорати Туркия монд. Арманҳои ғарб кӯшиш мекарданд, ки аз зулми туркҳо озод ва бо А.-и Шарқӣ ҳамроҳ шаванд (шӯриши Зайтун с. 1862, ҳаракатҳои озодихоҳонаи с-ҳои 1870—80). Дар рафти мубориза зидди зулми мутлақияти подшоҳӣ ва бедодгарии султон дар А.-и Шарқӣ ва Ғарбӣ ҷараёнҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Меҳнаткашони А. дар Рев. 1905—07 фаъолона иштирок карданд.

Ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь ба озодии халқи арман ибтидо гузошт. 29. дек. 1917 СКХ Россияи Советӣ бо имзои В. И. Ленин декрет бо номи «Дар бораи Арманистони Туркия» қабул кард, ки дар он программаи озод шудани тамоми А. ва ба он додани истиқлолият баён шудааст. Вале тағйир ёфтани вазъияти байналхалқӣ барои иҷрои ин декрет имкон надод. Партияҳои буржуазии миллатчиён дар Закавказия ба сари ҳокимият омада, кишварро аз Россияи Советӣ ҷудо карданд. Моҳи маи 1918 дар А. партияи майдабуржуазии миллатчиёни Дашнакцутюн ба сари ҳокимият омада, мамлакатро республикаи соҳибихтиёри буржуазӣ эълон кард. Дар давоми ду соли ҳукмронии дашнакҳо А.-и Шарқӣ рӯ ба таназзул ниҳода, иқтисодаш заиф шуд. Қӯшунҳои Туркия ду маротиба (1918 ва 1920) ба А. ҳуҷум карда, мамлакатро харобу аҳолиро нобуд карданд. Моҳи маи 1920 меҳнаткашони А. бо роҳбарии ташкилотҳои большевикӣ шӯриш бардоштанд, ки онро ҳукумат бераҳмона пахш кард. Аммо ҳукумати дашнакҳо ба фишори меҳнаткашон, ки ба онҳо Партияи Коммунистии А. роҳбарӣ мекард, тоб оварда натавонист. 29 нояб. 1920 меҳнаткашони А. бо ёрии қисмҳои Армияи Сурх ҳукумати дашнакҳоро сарнагун сохта, А.-ро Республикаи Советии Социалистӣ эълон карданд.

С-ҳои 1920—21 дар А.-и Советӣ аввалин дигаргунсозиҳои социалистӣ ба амал омаданд: замин, саноат, нақлиёт миллӣ кунонида шуда, азнавбарқароркунии хоҷагии халқ сар шуд. Февр. 1921 дашнакҳо исёни контрреволюционӣ бардоштанд, дар

мамлакат ҷанги граждани шурӯъ гардид; апр. 1921 исьён пахш карда шуд. Марти 1922 А. ба ҳайати ЗСФСР, дек. 1922 дар ҳайати ЗСФСР ба СССР дохил шуд ва аз дек. 1936 республикаи иттифоқи мебошад. Дар солҳои сохтмони социалистии пеш аз ҷанг дар А. индустрикунонӣ, коллективонии х. қ., революцияи маданӣ ба амал бароварда шуд, ки ин А.-ро ба республикаи социалистии мутараққии индустриалию аграрӣ табдил дод. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) фарзандони халқи арман дар фронтҳо ба муқобили душмани қаҳрамонона меҷангиданд, дар акибгоҳ фидокорона меҳнат мекарданд. Халқи арман ба фронт 6 соединенияи ҳарбии миллӣ дод, 107 арман сазовори номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ гардид. РСС Арм. бо 2 ордени Ленин, орденҳои Революцияи Октябрь ва Дӯстии Халқҳо мукофотонида шудааст.

Партияи коммунистӣ, комсомол, иттифоқи касаба. Партияи Коммунистии А. қисми таркибии КПСС аст. Охири а. 19 — аввали а. 20 дар А. марксизм паҳн шуд. Тобистони с. 1899 С. Г. Шаумян дар Ҷалолӯғлӣ (ҳоло ш. Степанаван) нахустин дар А. кружоки марксистӣ ташкил кард. С-ҳои 1901—02 дар Ереван ва Александрополь кружокҳои с-д. ташкил ёфтанд. С. 1902 дар Тбилиси Иттифоқи с-д. арман ташкил шуд, ки худро узви ҷудонашавандаи РСДРП эълон намуд. Марти 1903 дар Тбилиси съезди I ташкилотҳои с-д. Кавказ Иттифоқи кавказии РСДРП-ро бо сардории комитети иттифоқии кавказии РСДРП ташкил кард. С-ҳои 1902—05 дар А. дар деҳаи Ахпат, дар Алавердӣ, Қарс кружокҳои социал-демократи ташкил шуданд; дар Сарикамиш, Нор-Боязид, Қарс ташкилотҳои с-д. ба вуҷуд омаданд. Баробари сар шудани Рев. 1905—07 большевикон корҳои таргиботию ташвиқотиро вусъат доданд. Баъди шикасти Рев. 1905—07 дар шароити реакция дар А. ташкилотҳои маҳфии РСДРП амал мекарданд. Дар ҳамин давра гурӯҳҳои большевики дар Алавердӣ, Зангезур, Александрополь, Қарс, Ереван, Кагизман, Нор-Боязид ва г. корҳои партиявӣ мебурданд. Солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) большевикони А. барои муттаҳид кардани пролетариат корҳои революционӣ мебурданд. Баъди рев. февраль-июни 1917 большевикон ва меньшевикон аз ҳам ҷудо шудан гирифтанд. Аввали окт. 1917 дар Тбилиси съезди I кишварии ташкилотҳои кавказии РСДРП(б) баргузор шуд, ки дар он вакилони Алавердӣ, Ахпат, Александрополь, Сарикамиш, Қарс ва г. иштирок доштанд. Сент. 1919 дар Ереван дар маҷлиси ғайрилегалии намояндагони ташкилотҳои коммунистии А. Комитети Арманистонии РКП(б) — маркази ягонаи роҳбарикунандаи партияви — дар ҳайати С. К. Алавердян, Г. О. Гукасян, С. И. Касьян, А. А. Мравян, С. М. Ханоян ва диг. интихоб шуд. 18—19 янв. 1920 дар Ереван конференцияи ғайрилегалӣ барпо гардид, ки дар он муттаҳидшавии ташкилотҳои большевикии А. анҷом ёфт. Большевикон май 1920 ба шӯриши яроқнок сардорӣ карда, баъди шикаст хӯрдани он ба пиҳонкорӣ гузаштанд. 30 июни 1920 Бюрои ташкилии КМ РКП(б) дар бораи дар А., Озарбойҷон, Гурҷистон ташкил намудани партияҳои коммунистӣ қарор қабул кард. Партияи Коммунистии А. дар роҳи тайёрии шӯриши яроқноки зидди ҳукумати дашнакҳо ва барқарор кардани Ҳокимияти Советӣ корро вусъат дод. Меҳнаткашони А. бо ёрии Армияи Сурх 29 нояб. 1920 Ҳокимияти Советиро дар сарзамини худ барпо карданд.

Янв. 1922 съезди I ПК(б) А. барпо шуд. Дар съезд масъалаҳои сохтмони советӣ, сиёсати замин, як шудани республикаҳои Закавказия муҳокима гардид. Дар съездҳои баъдинаи ПК(б) А. масъалаи барқарор кардани хоҷагии халқ, индустрикунонии социалистии республика, коллективонии х. қ., революцияи маданӣ ва г. мавриди муҳокима қарор ёфт. ПК(б) А. тамоми фаъолияти худро барои ба амал бароварданӣ қарори съездҳои ВКП(б) равона мекард.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми қувваи ПК А. ва халқи арман ба мудофиаи Ватани социалистӣ, ба торумор кардани қӯшунҳои фашистии немис равона шуда буд. Солҳои баъди ҷанг фаъолияти ПК А. ба тараққии хоҷагии халқ, ба анҷом додани сохтмони социализм дар республика нигаронида шуда буд. С-ҳои 50—60 ПК А. дар фаъолияти иқтисодии худ роҳи бештар тараққӣ додани қувваҳои истеҳсолии республикаро пеш гирифт. ПК А. қарордоди съездҳои охирини КПСС-ро сармашқи кори худ намуда, қувваи меҳнаткашонро ба буньёд намудани базаи моддию техникии коммунизм сафарбар мекард.

ЛКСМ А. қисми таркибии ВЛКСМ аст. Аввалин кружокҳои коммунистии ҷавонони А. с. 1917 ба вуҷуд омад. Иттифоқи марксистии талабагон с. 1919 иттифоқи социалистии интернационалистии ҷавонии «Спартак», аз май 1919 ташкилоти коммунистии ҷавонии «Спартак» ном гирифт. 22 сент. 1919 дар Боку ба таври ғайрилегалӣ конференцияи I-уми закавказии иттифоқҳои коммунистии ҷавонони Озарбойҷон, Арманистон ва Гурҷистон баргузор шуд. Ин иттифоқҳо ба ташкилоти вилоятии Закавказии Иттифоқи Коммунистии ҷавонони Умумироссия муттаҳид шуданд. Дек. 1920 Иттифоқи коммунистии ҷавонии Эриван Бюрои ташкилӣ интихоб намуд, ки янв. 1921 ба КМ комсомоли А. табдил дода шуд. Аз ҷиҳати ташкилӣ таъсис шудани комсомоли А. дар съезди I Иттифоқи Коммунистии ҷавонони А. (23—24 авг. 1922) анҷом ёфт. С. 1924 комсомоли А. Иттифоқи Коммунистии Ҷавонии Ленинӣ ном гирифт. 14. нояб. 1932 КИМ РСС Арм. ЛКСМ А.-ро барои дар сохтмони коммунистӣ фаъолона иштирок намуданаш бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат мукофотонид.

Нахустин ташкилотҳои иттифоқи касаба дар А. с. 1905 ташкил шуд. Баробари барқарор шудани Ҳокимияти Советӣ ҳаракати касабавӣ боз ҳам вусъат ёфт. 22 авг. 1921 Съезди 1 иттифоқҳои касабаи А. совети республикаро интихоб намуд. Солҳои Ҳокимияти Советӣ иттифоқҳои касаба ба ташкилоти оммавӣ табдил ёфта, 96,2%-и меҳнаткашони республикаро муттаҳид кард.

Хоҷагии халқ. Хоҷагии халқи А. хеле тараққӣ кардааст. С. 1975 назар ба с. 1974 маҳсулоти умумии саноат 8,9%, даромади миллӣ 247 млн сӯм (8,8%)-ро ташкил кард. Қариб 71,6% маҳсулоти умумии ҷамъиятиро саноат, боқимондаашро диг. соҳаҳо медиҳанд.

То давраи советӣ саноати А. аз мисгудозӣ, коркарди ашьёи хоми х. қ. ва устохонаҳои на он қадар калони металлкоркунӣ иборат буд. Ҳаҷми маҳсулоти саноати А. с. 1966 назар ба с. 1913-ум 120 маротиба афзуд. Сурҳати афзоиши ҳарсолаи маҳсулоти саноат дар солҳои пеш аз ҷанг (1921—40) 18% ва баъди ҷанг (1946—70) 13,3%-ро ташкил кард. Баробари тараққиёти умумии саноат таносуби истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот низ муттасил меафзояд (1928—24%, 1971—68%). ГЭС-ҳои Роздон, Дзорагат, Ахурян ва ТЭЦ-ҳои Ереван, Роздон, Кировакан асоси электроэнергетикаи А. мебошанд. Станцияи электрикии атомӣ сохта шуда истодааст. С. 1976 истеҳсоли қувваи электр дар А. ба 9722 млн кВт/соат (1913—5,1 млн кВт/соат буд) расид.

Соҳаҳои асосии саноат мошинсозӣ, химия, металлургияи ранга, сабук, хӯроквор, масолеҳи бинокорӣ мебошад. Ба ин соҳаҳо, якҷоя бо электроэнергетика, бештар аз 70,7% фондҳои асосӣ, 90% коргарон ва 94,2% маҳсулоти умумии тамоми саноат рост меояд. Мошинсозӣ ва металлкоркунӣ ба соҳаи асосии саноати А. табдил ёфт. 180 намуди маҳсулоти саноат ба зиёда аз 70 мамлакати хорича бароварда мешавад. Саноате, ки ба металл кам эҳтиёҷ дорад ва меҳнатталаб аст, монанди саноати электронӣ, радиоэлектронӣ, асбобсозӣ, дастгоҳсозии дақиқ ва электротехникӣ босуръат тараққӣ меёбад. А индустрияи тараққикардаи химиявӣ (Ереван, Кировакан, Роздон) дорад. Саноати химия зиёда аз 100 хел маҳсулот, аз он ҷумла каучуки син-

тетикӣ, винилацетат, реактивҳои химиявӣ, нурӣ ва ғ.; металлургияи ранга, мис, молибден, алюминий, тилло, сурб, рух ва диг. металлҳои асилу нодир истеҳсол мекунад. Автомобильсозӣ, истеҳсоли компрессорҳо, гидронасосҳо ва ғ. босуръат инкишоф ёфта истодааст. Индустрияи бинокории А. з-дҳои хонасозии калонпанель, конструкцияҳои оҳану бетонӣ, комб.-ҳои истеҳсолӣ ва ғ. дорад. Саноати сабук аз соҳаҳои зерин иборат аст: истеҳсоли газворҳои пахтагин, пашмин ва шохӣ, маснуоти трикотажӣ, чӯроб, мӯина ва дӯзандагӣ, қолин, молҳои чармин, пойафзол ва ғ. Саноати хӯрокворӣ қариб дар тамоми районҳо равнақ ёфтааст.

Нақлиёти р. о. А. низ тараққӣ кардааст. Тӯли р. о. 578 км (1972), роҳи автомобильгард — 8,4 ҳаз. км. Дар боркашонии умумӣ вазни қиёсии нақлиёти р. о. 55%, нақлиёти автомобилӣ 44,7%, нақлиёти ҳавоӣ 0,3%-ро ташкил кард. Зиёда аз нисфи хати р. о. республика электрикониданд шудааст. А. ба воситаи роҳҳои ҳавоӣ бо 30 шаҳри Иттифоқи Советӣ, инчунин бо мамлакатҳои хориҷа (Лубнон ва Урдун) алоқаманд аст.

Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ истеҳсолоти х. қ. ба куллӣ тағьир ёфт. Вазни қиёсии х. қ. дар иқтисоди республика хеле кам шуда бошад ҳам, ҳаҷми маҳсулоти он 4,5 баробар афзуд, майдони корам хеле зиёд шуд. Гуногунии шароити хоку иқлим боиси серсоҳа шудани х. қ. гардид. Дар А. асосан ток, мева, зироатҳои полизӣ, сабзавот, дар минтақаи доманакӯҳ ғалла, тамоку, дар минтақаи кӯҳ чорво парвариш мекунанд. Соҳаи асосии растанипарварӣ току богдорӣ, сабзавоткорӣ, парвариши зироати техникӣ (тамоку, лаблабуи қанд, анҷибар) ва полизӣ буда, онҳо 72%-и маҳсулоти зироатро медиҳанд. Дар А. паҳнаҳои беҳтарини ангур, ки барои истеҳсоли коньяк ва шаробҳои ширин истифода мешаванд, меруянд. Коньякҳои «Юбилейный», «Отборный», «Арманистон», «Двин», «Ереван», «Праздничный», шаробҳои «Мускати сафед», «Аревшат», «Аштарак», «Ошакан», «Аревик» дар намоишҳои байналхалқӣ ва умуминитифоқӣ сазовори медальҳои тилло ва нуқра гардидаанд.

Дар А. чорводорӣ низ пеш рафтааст. Соҳаҳои асосии чорводорӣ парвариши гов, гӯсфанд ва хук мебошад. А. нохияи қадими зироати обӣ мебошад. Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ каналҳои сершумори обьёрӣ, аз ҷумла каналҳои Ширак, Оқтемберян, Артамат, Роздони Поён, Талин (навбати 1), Арзни — Шамирам ва ғ. сохта, ба истифода дода шуданд. Майдони кишт с. 1976 419,1 ҳаз. га буд. Ғайр аз ин 133 ҳаз. га чарогоҳ обшор шуд. Захираи асосии об к. Севан аст.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1968 ба ҳар ҳаз. наф. аҳолӣ 24,6 таваллуд, 5,2 фавт ва ба ҳаз. наф. кӯдаки навзод 26 фавт рост омад. Дарозии миёнаи умр (1967—68) дар А. 73 сол.

С. 1968 дар республика 265 беморхонаи дорои 20160 кат (85,3 кат ба 10 ҳаз. наф.) кор мекард. 477 муассисаи табобатӣ, 13 диспансери касалии сил, 4 диспансери касалиҳои пӯсту ҷимой ва 3 диспансери онкологӣ ба аҳолӣ ёрии амбулаторию поликлиникӣ мерасонид. С. 1975 дар муассисаҳои табобатию профилактикагӣ 9400 духтур ва 16,7 ҳаз. коркуни миёнаи тиб кор мекард. Республика дорои 10 ин-ти тадқиқоти илмии тиб (рентгенологӣ, онкологӣ, кардиологӣ ва ҷарроҳии дил, ортопедӣ ва травмотологӣ, акушерӣ ва гинекологӣ, гематологӣ ва хунгузаронӣ ва ғ.) аст. Дар А. 24 санатория (барои калонсолону бачагон) ва 10 хонаи истироҳат кор мекунад. Курортҳои Арзни, Ҷермук, Дилиҷон машҳуранд.

Маорифи халқ, илм ва муассисаҳои илмӣ. То барпо шудани Ҳокимияти Советӣ 70%-и аҳолии А. бесавод буд; дар республика ягон мактаби олӣ вуҷуд надошт. Дар солҳои пеш аз ҷанг дар А. бесаводии аҳолӣ барҳам дода, таълими ҳатмии умумӣ ба амал бароварда, системаи маълумоти олӣ ва миёнаи махсус ташкил шуд. Дар давраи баъди ҷанг ҷорӣ намудани таълими ҳатмии 7-сола анҷом ёфта, таълими миёнаи пурра ҷорӣ шуд. Дар соли таҳсили 1971—72 дар А. 1542 мактаби маълумоти умумӣ, 43 омӯзишгоҳ ва мактаби маълумоти касбию техникӣ, 63 мактаби миёнаи махсус ва 12 донишкадаи олӣ буд. С. 1972 зиёда аз 950 ҳаз. талаба дар мактабҳои гуногун меҳонд. Дар мактабҳои олӣ 53,9 ҳаз. студент, дар мактабҳои миёнаи махсус 50,2 ҳаз. хонанда таҳсил карданд. С. 1914 дар А. ҳамагӣ 13 китобхона буд. С. 1972 дар А. 3100 китобхона кор мекард. С. 1971 дар А. 34 музей, 1146 клуб вуҷуд дошт. Солҳои баъди ҷанг ун-тҳои халқӣ, клубҳои дар асоси ҷамъиятӣ коркунанда, театрҳои халқии ҳаваскорон ба вуҷуд омаданд. С. 1971 дар А. 25 театри халқӣ кор мекард.

Илм дар А. аз давраҳои қадими тамаддун тараққӣ карда меояд. Дар ҳазорсолаи 1-уми м. дар А. аз тақвими қамарӣ истифода мекарданд ва дар а. 5 то м. онро ба тақвими шамсӣ ивваз намуданд. С-ҳои 405—406 Месроп алифбои арманиро тартиб дод ва баъд аз ин илм дар А. босуръат тараққӣ кардан гирифт. Асарҳои муаррихони арман (а-ҳои 4—7) Агатангеҳос, Павстос Бузанд, Корюн Егише, Лазар Парбеци маълуму машҳуранд. Таърихшиноси машҳури арман Мовсес Ҳоренациро «Геродоти Шарқи Наздик» меноманд. Мутафаккир, риёзидон, мунаҷҷим, географ Апаний Ширакаци (а. 7) доир ба гирифтани Офтобу Моҳ маълумот дода, фикри курашакл будани заминро тарафдорӣ кардааст. Баробари ба вуҷуд омадани асарҳои оригиналӣ асарҳои файласуфони Юнони Қадим (Арасту, Сукрот, Афлотун ва диг.) ба забони арманӣ тарҷума мешуданд. Ба забони арманӣ то давраи мо «Хроника»-и Евсевий Кессарий, асари Зенон «Дар бораи табиат», «Ҳадҳо»-и Гермес, «Санъати нотиқӣ»-и Филони Искандарӣ ва диг. омада расиданд.

Григор Магатрос (990—1058) донишманде буд, ки бо табиатшиносӣ, тиб, фалсафа ва филология шуғл дошт. Асосгузори мактаби олӣ дар пойтахти Арманистон ш. Ани олими машҳур Ованес Имастасер (Иоанн Саркаваг, 1045—1129) доир ба математика, табиатшиносӣ, астрономия ва назарияи тақвим чандин асар офаридааст. Дар асрҳои миёна олиму духтурҳои машҳур Миҳтар Гераци (а. 12) ва Амирдавлат Амасиаци (а. 15) доир ба тиб якчанд асар навиштаанд. Дар соҳаи илми таърих асарҳои Киракос Гандзакеци, Вардан Аравелци, Степанос Орбелян (а. 13) ва диг. маълуманд.

Аз а. 17 сар карда маданияти арман асосан берун аз хоки А. дар ҷамоаҳои хориҷии арманҳо тараққӣ мекард. Бо Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ (1828) ба пешрафти илму маданият таъсири мусбат расонд. Пеш аз ин дар Россия чанд маркази маданияти арманиҳо мавҷуд буд, ки муҳимтарини онҳо академияи Лазарев дар Москва (1815) ба ҳисоб мерафт. Дар Россия ва берун аз ҳудуди он — дар Ҷулфаи Нав, Париж, Львов, Венеция ва Калкатта мактабҳои арманӣ буньёд мешуданд. Ходими барҷастаи маданияти А. маърифатпарвар Хачатур Абовян (1805—48) ва пайравӣ Н. Г. Чернышевский, революционери демократ Микаэл Налбандян (1829—69) барои дар А. паҳн шудани ғояҳои мутафаккирони пешқадами рус ва Европаи Ғарбӣ саҳми калон гузоштанд. Барои дар А. паҳн шудани назария ва донишҳои илмии марксистӣ шогирдон ва ҳамсафони В. И. Ленин—Степан Шаумян, Сурен Спандарян, Александр Мясникян (Мясников) ва диг. роли калон бозиданд. Нашъу намои ҳақиқии илму маданияти арман дар солҳои Ҳокимияти Советӣ сар шуд. Бисьёр олимони республика дар тараққӣ ва ташаккули соҳаҳои ҷудогонаи илм роли калон бозиданд: А. Л. Манондян (таърих), Г. А. Агарян (забоншиносӣ), С. Гарбарян (химия), П. Калантарян (агрохимия ва биология), А. Анжур, А. Тер-Мкртчян (физика, математика), А. Иоаннисян (биохимия), А. Аствацатурян (гидротехника), Т. Ҷрбашян (геология), А. Мелик-Адамян, А. Кёчек, Г. Арешян (тиб), Х. Ерицян, М. Туманян (агрономия), А. Тер-Погосян (биология), Т. Мушегян (физиология) ва диг. машҳуранд. С. 1935 дар А. филиали АФ СССР ташкил ёфта, с.

1943 ба АФ РСС Арм. табдил дода шуд. Нахустин президенти он академик И. А. Орбели буд. Олимони расадхонаи астрофизикии Бюракан, ки ба он асосгузор ва роҳбари мактаби астрофизикҳои СССР акад. *В. А. Амбарцумян* сардорӣ мекунад, муваффақиятҳои калон ба даст овардаанд. Баъзе корҳое, ки онҳо иҷро карданд, дар тамоми ҷаҳон эътироф шудаанд. Дар соҳаи радиофизика ва электроника, генераторҳои квантӣ тадқиқоти муҳим давом дорад. Математикҳои А. дар соҳаи функцияҳо ва таҳлили математикӣ, муодилаҳои дифференциалӣ ва назарияи спектралии операторҳо бомуваффақият кор карда истодаанд. Ташкили маркази ҳисоббарории АФ РСС Арм. (1957) муваффақияти намоёни соҳаи илмҳои физикаю математика буд. Натиҷаи тадқиқотҳои механикҳо, геологҳо, химикҳо, физиологҳо ва биохимикҳо васеъ истифода мешаванд. Масъалаҳои алоҳидаи илми тибро ходимони ин-тҳои илмии ин соҳа тадқиқ мекунанд. Тадқиқоти соҳаи таъриҳ проблемаҳои таъриҳи халки арманро аз замонҳои қадим то давраи мо дарбар мегирад. Тадқиқоти доир ба таъриҳи муносибатҳои арману рус, таъриҳи синфи коргар ва деҳқонон, интишори марксизм, пайдоиш ва вусъати ҳаракати социал-демократӣ ҷои намоёнро ишғол мекунанд. Барои илми таъриҳ кашфиёти археологҳои республика дар Шенгавит, Кармирблур, Аринберд, Гарнӣ, Амберд, Двин, Лчашен ва г. хеле муҳиманд. Осори таъриҳии дастнавис ва чопӣ, ки дар *Матенадарон* нигоҳ дошта мешаванд, аҳамияти калони илмӣ доранд. С. 1972 дар А. 112 муассисаи тадқиқоти илмӣ буд, ки дар он 10568 ходими илмӣ (аз он ҷумла 450 доктор ва 3159 номзади илм) кор мекард.

Матбуот, радио ва телевизион. С. 1971 дар А. 75 газета, аз он ҷумла 8 газетаи республикавӣ, 104 журнал ва диг. нашрияҳои даврӣ чоп мешуд. С. 1971 1050 номгӯи китоб, аз он ҷумла ба забони арманӣ 860 номгӯй чоп шудааст. Радиошунавонӣ аз солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ сар шуд. С. 1968 ба 4 забон радио шунавонида мешуд. Маркази радиои Ереван барои арманиҳои хорича барномаи махсус мешунавонад. С. 1956 маркази телевизиони сохта шуд, ки намоиши оиро сокинони районҳои республика тамошо мекунанд. А. намоишҳои телевизиони марказиро низ қабул мекунад.

Адабиёт. Адабиёти А. яке аз қадимтарин адабиётҳои СССР ва ҷаҳон мебошад. Арманиҳо то м. адабиёти даҳанакӣ доштанд, ки он барои қабул шудани дини насрони (301) нобуд шудааст. Нуқтаи олии эҷодиёти халқ достони «Сасунии Давид» («Довуди Сосунӣ», а-ҳои 8—10) мебошад, ки дар он ғояҳои баланд ва рӯҳияи озодихоҳии халқи арман инъикос ёфтааст. Таъриҳи адабиёти хаттӣ аз а. 5 оғоз меёбад. Аз осори адабии он давра шеърҳои Месроп Маштоц (361—440), асарҳои муаррихони а. 5 Агатангехос (Агафангел), Корюн, Павстос Бузанд, Мовсес Ҳоренаци, Егише ва Лазар Парбеци қимати калон доранд. Ҳангоми асорати арабҳо ва истилои Византия (а-ҳои 7—8) асарҳои насрии фиқҳ ва назми калисоӣ васеъ паҳн шуд. Баъди барқарор шудани истиқлоли А. (886) ғояҳои инсонпарварӣ қувват гирифтанд ва дар асарҳои *Григор Нарекаци* (951—1003), Нерсес Шнорали (1102—73), Мхитар Гош (1133—1213), Вардан Айгекци (а-ҳои 12—13) ва диг. инъикос ёфтаанд. Намояндагони назми ошиқонаи давраи Эҳьёи арман инҳоанд: К. Ерзнкаци (а-ҳои 13—14), О. Тулкуранци (а. 14), Н. Кучак (а. 16), Н. Овнатан (а. 18) ва диг. *Сайёди Наво* (1712—95), шоир ва сароянди барҷаста буд.

Давраи нави инкишофи адабиёти арман баъди ба Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ сар мешавад. Асосгузори адабиёти нави арман *Х. Абовян* (1805—48) романтизм ва реализми пешқадамро пойдор гардонд. П. Прошян (1837—1907), Г. Оғоян (1840—1911) ғояҳои демократии эҷодиёти Х. Абовянро инкишоф доданд. Нависанда ва мутафаккири барҷаста М. Налбандян (1829—68) принципҳои эстетикаи материалистиро кор кард ва адабиёти реалистиро, ки пур аз мазмуни иҷтимоӣ буд, муҳофизат намуд. Шоир Г. Алишан (1820—1901) ғояҳои бедории миллиро тараннум мекард. Машҳуртарин намояндаи драматургияи реалистии арман дар а. 19 *Г. Сундукян* буд. Дар романҳои таъриҳии Церенц ва Раффи равияи романтикӣ, дар асарҳои ҳаҷвии А. Паронян, дар романҳову драмаҳои *А. Шервонзода* реализми танқиди инкишоф меёфт.

Адабиёти нави арман дар замони И. Иоаннисян, О. *Туманян*, А. *Исаакян*, ки ҳаёти халқ ва зиддиятҳои иҷтимоии онро ҳаққонӣ тасвир карда, халқро ба муборизаи роҳи озодии иҷтимоию сиёсӣ даъват мекарданд, ба авҷи инкишоф расид. Дар шеърҳои В. Терян, Д. Варужан, Ш. Курғинян мавзӯъҳои граждани қувват ёфт. *А. Акопян* асосгузори адабиёти пролетарии арман аст. Дар аввали а. 20 дар инкишофи танқиди адабӣ С. Шаумян ва С. Спандарян роли калон бозиданд. Дар с-ҳои 20 шоирон А. Вштуни, Н. Зарян Г. Сарян, В. Алазан, насрнависҳо А. Бакунц, *Л. Демирчян*, С. Зорян, В. Тотовенц асар эҷод кардаанд. Адабиёти с-ҳои 30-юм бо шеъру ҳикоя, роману достон ва пьесаҳои М. Армен, Г. Маари, А. Сирас, Р. Кочар, В. Ананян, Агавни, С. Таронци, *Г. Севунц* ва диг. бой гардид. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъди ҷанг ба сафи адибони арман П. Севак, *С. Капутикян*, Г. Эмин, А. Сагиян, Р. Ованесян ва диг. дохил шуданд. Танқиди адабии арман ва адабиётшиносӣ инкишоф ёфт. Адабиётшиносон М. Абегян, *Н. Орбели*, А. Тертерян ва диг. асосиҳои илмии даврҳои таъриҳи адабиёти арманро муайян карданд.

Меъморӣ. Қадимтарин осори меъмории А. ба ҳазорсолаи 3 то м. (биноҳои азими назди Арагац, деворҳои азамат ва г.) мансубанд. Меъморӣ дар а-ҳои 9—6 то м. дар давлати Урарту хеле тараққӣ карда буд (хонаҳои истиқоматӣ дар Тейшебаини — а. 7 то м., маъбади худо Ҳолд ва Эребуни — а. 8 то м.). Вусъати сохтмони биноҳои сангӣ ба пайдоиши равоқу гунбазҳо оварда расонд. Дар сохтмони ибодатхонаҳои а. 4 принципи аз бар васеъ кардани масоҳати дохили бино ривоҷ ёфт (Базиликаҳои Таноат ва Дираклар — а. 4; Гарни ва Аван а. 5). Ин шакл ба композиция дарозрӯя монанд шуда (қасрҳои а. 5, Текор, Ереру ва г.) ҷои худро ба қасрҳои гунбазшакл (калисои Одзун — а. 5, калисои Гаяне — а. 7) ва баъдтар ба системаи қасрҳои гунбаздор (калисои Эчмиадзин — а. 5; ибодатхонаҳои Рипсиме, Мастара, Звартноц — а. 7) ва толорӣ (Птгни — а. 7, Аруч — а. 7) дод. Аз тараққиёти нави биносозӣ дар а-ҳои 11—13 ёдгориҳои сершумори пойтахти А.-и Багратиён ш. Ани гувоҳӣ медиҳанд. Меъморӣҳои гуногун: сохтани қалъаҳо (Ани, Тигнис, Магасберд), пулҳо (Ани, Санаин), корвонсаройҳо (Салим, Талин), меҳмонхонаҳо ва г. ривоҷ ёфт. Бинои дайрҳои а-ҳои 10—13 (Татев, Санаин, Ахпат) хеле зебоанд. Дар а. 19, махсусан баъди ба Россия ҳамроҳ шудани А.-и Шарқӣ, шаҳрҳо тараққӣ карданд (хусусан Ереван), шаклу намудҳои нави биноҳои серошьёнаи истиқоматию граждани ба вуҷуд омаданд.

Санъати меъмории А.-и Советӣ бо таъсири дигаргунсозиҳои иқтисодиёти социалистӣ ташаккул ёфт. С-ҳои 20-ум азнавсозии Ереван аз рӯи плани генералии с. 1924 (акад. А. Таманян) сар шуд. Дар Ереван, Алавердӣ биноҳои бисьёрошьёна сохта шуданд. Биноҳои меъмор А. Таманян (хонаи ҳукумат, бинои театри опера, ГЭС-и 1-и Ереван) меъмории ҳозиразамон ва анъанавиро якҷоя кардаанд. Баъди с. 1955 бинокории типи вусъат ёфт. Тараққиёти ояндаи санъати меъмории А.-и Советӣ ва сохтмони Ереван мувофиқи плани давлатии с. 1968 сурат хоҳад гирифт.

Санъати тасвирӣ. Аввалин асарҳои санъати тасвирӣ, ки аз ҳоки А. ёфт шудаанд, ба ҳазорсолаи 6—2 то м. мансубанд (расмҳои рӯи харсангҳо, зарфҳои сафолини сернақшу нигор, вишапҳо—ҳайкалҳои сангини мохишакл, ҳайкалчаҳо, маснуоти металлии баден, маснуоти заргари, наққо-

рӣ ва ғ.). Аз санъати Урарту ва давраи Юнони Қадим маснуоти санъати тасвирӣ, ҳайкалҳои биринҷию тилло, нақшу нигор, хотамкорӣ, фрескаҳо боқӣ мондаанд. Дар асрҳои миёна рассомии монументалӣ, хотамкорӣ ва нақшу нигори девор хеле тараққӣ кард (Двин — а. 5; Звартноц — а. 7; Смбатаванк — а. 7; Татев — а. 10; Ахтамар — а. 10; Ахпат — а. 13). Қадимтарин намунаҳои ҳайкалҳои асрҳои миёна ба а-ҳои 4—5 мансубанд. Баробари қабул шудани дини насронӣ ва ихтирои алифбои арманӣ ороишу нақкошии китоб (Инҷили Малика Млке — 862; Инҷили Эчмиадзин — 989; Инҷили Ахпат — 1211, рассом Маркаре ва диг.) тараққӣ кард. А-ҳои 13—14 минётура хеле инкишоф ёфт. Дар а-ҳои 17—18 рассомӣ (кашидани расми одам, чизҳои рӯзгор, табиат ва ғ.) ба вуҷуд омад. Авлоди рассомон Овнатанянҳо (аз охирҳои а. 17 то с-ҳои 80-уми а. 19) дар байни рассомони он давра ҷои намоёнро ишғол мекунад. Санъати амалӣ (наччорӣ, кулолӣ, заргарӣ, тӯрбофӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ) хеле тараққӣ кард.

Баробари пойдор гардидани Ҳокимияти Советӣ давраи нави инкишофи санъати тасвирии А. сар шудааст. Рассомоне, ки дар аввали а. 20 дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон зиндагӣ мекарданд, ба ватан баргаштанд. Асарҳои рассомони насли калонсол — Е. Татевосян (1870—1936), С. Оғоҷонян (1863—1940), Ф. Терлемезян (1865—1941) ва махсусан санъати ба худ хоси беҳамтои *М. Сарьян* ба пешрафти санъати тасвирии А. мадад расонд. Дар қатори насли калонсол—А. Саркисян, С. Степанян, А. Урарту, Е. Кочар, Н. Никогосян, насли нави ҳайкалтарошон — Г. Чубарян, С. Багдасарян ва диг. ба майдон омаданд. Санъати ороиши китоб ба дараҷаи баланд расид, ки асосгузори он график ва рассоми бомаҳорат А. Коҷоян (1883—1959) мебошад.

Дар А. ин-ти рассомию театрӣ, омӯзишгоҳи рассомӣ ва дар шаҳрҳои Ереван, Ленинакан, Кировакан мактабҳои рассомӣ мавҷуданд.

Мусиқӣ. Мусиқии арманӣ сарчашмаҳои хеле қадимӣ дошта, зиёда аз 3000 сол боз дар шакли яккахонӣ вуҷуд дошт. Суруд, санъати гусанҳо, сурудҳои динӣ аз намунаҳои эҷодиёти халқанд. Сурудҳои меҳнат ва маросимӣ, сурудҳои рақсӣ ва ғ. хеле қадимиянд. Муҳимтарин намунаи эҷодиёти эпикии қадим достони «Довуди Сосунӣ» мебошад. Дар а. 5 дар асоси мусиқии халқӣ ва такмили сурудҳои бутпарастии қадимии пеш аз оини насронӣ мусиқии касбии динӣ ба вуҷуд омад, ки жанрҳои шаракан, таг, гандз, аветис ва ғ.-ро дарбар мегирад. Асбобҳои мусиқии халқӣ инҳоанд: блул ё сринг, дудук, зурна, паркапзук, камонча, камон, соз, қонун, тор, тмбук (тунбак), доол (духул), дапп (даф) ва диг. Рақсҳои машҳури арманӣ — чем-чем, шарор, вер-верӣ, кочарӣ. Аз а. 5 назарияи мусиқӣ ва афкори эстетикӣ тараққӣ ёфтааст. Аз а-ҳои 8—9 барои навишта гирифтани мусиқӣ системаи хазро истифода мекарданд, дар а. 12 системаи дуюми нотанависии хаз ба вуҷуд омад. Дар аввали а. 19 назариётчӣ ва бастакори намоён А. Лимонҷян (1768—1839) нотанависии нави арманиро ихтироъ кард, ки ба воситаи он мусиқии динӣ ва сурудҳои халқӣ навишта гирифта шуданд. Аз чорьяки охири а. 19 сурудхонии бисьёровоза (хор) ҷорӣ гардида, рақсу сурудҳои халқӣ аз нав таҳрир шуданд. Мусиқии классикии арманӣ бо эҷодиёти Г. Чухаҷян (1837—98) — муаллифи опера ва опереттаҳо (аз он ҷумла нахустин операи арманӣ «Аршаки дуюм»), М. Екмалян (1856—1905) — муаллифи мусиқии хори «Патарага», Комитас (фамилияи аслиаш С. Г. Согомонян) (1869—1935) — бастакори бузург, этнограф, назариётчӣ ва машшоқ, А. Спендиаров (1871—1928) — саромади мусиқии симфонии арманӣ вобаста аст.

Баъди Рев. Октябрь пашъунамои нави мусиқии арманӣ сар шуд. С. 1921 дар Ереван студияи мусиқӣ ташкил гардида, 1923 ба консерватория табдил ёфт. С. 1930 театри мусиқӣ, Иттифоқи бастакорон ва филармония таъсис шуд. Яке аз бастакорони барҷастаи ҳозира *А. Хачатурян* (тав. 1903) мусиқии арманиро ба дараҷаи баланд расонд. Бастакорони намоёни арман К. Закарян (1895—1967), В. Тальян (1896—1947), А. Степанян (1897—1966), А. Айвазян (тав. 1902), Н. Чемберҷӣ (1903—48), *С. Баласанян* (тав. 1902), Л. Ҳоҷа-Эйнатян (1904—54), А. Сатян (1906—58), Г. Егиазарян (тав. 1908), А. Долуханян (1910—68), А. Арутюнян (тав. 1920), А. Бобоҷонян (тав. 1921), Э. Мирзоян (тав. 1921), Э. Оганесян (тав. 1930), Ҷ. Тер-Татевосян (тав. 1926) ва диг. дар жанрҳои гуногун — опера, балет, оперетта, симфония, хор, эстрада, суруд асарҳо офаридаанд.

Ереван маркази асосии ҳаёти мусиқист. Дар ин ҷо Театри давлатии академии опера ва балети ба номи А. Спендиаров, Театри мусиқию мазҳакаи ба номи А. Паронян, филармония, оркестри симфонӣ ва ансамбли асбобҳои халқӣ, квинтети эстрадии радиои А. мавҷуданд. Дирижёрҳои машҳури А. Арт. Халқии СССР А. Мелик-Пошоев, Т. Алтунян, арт. халқии РСС Арм. А. Тер-Оганесян, О. Чекиҷян, сароянда̀ои машҳур: Н. Папаян, Т. Налбандян, Е. Терян-Корганова, М. Бобоян, А. Шоҳмуродян, Л. Исецкий-Иоаннисян, Ш. Тальян, арт. халқии СССР А. Даниелян, З. Долуханова, Т. Сазандарян, П. Лисициан, Г. Гаспарян, Н. Ованесян. Дар А. 50 мактаби 7-солаи мусиқӣ, 5 омӯзишгоҳи мусиқӣ ҳаст.

Театр. Таъриҳи театри арман аз ҳазорсолаи 2 то м. оғоз ёфтааст. Жанру навъҳои театри қадим гуногун буд. Актёрҳо дзайнарку-гусанҳо вохпергакҳо ва катакергакҳою гусанкатакаҳо асарҳои фоҷиавии драматургҳои юнонӣ ва арманиро иҷро мекарданд. Театри ҳаҷвии кӯчагии гусанҳо — мимосҳо, цахрацу низ вуҷуд дошт. А-ҳои 17—18 дар колонияҳои арманӣ театри нави арман пайдо шуд. С. 1810 намоиши аввалин спектакльҳои арманӣ барпо гардид. С-ҳои 1846—66 театри «Арман татрон» вуҷуд дошт. Дар ибтидои с-ҳои 60-уми а. 19 дар Константинополь «Арев-елян татрон» («Театри Шарқ») ва дар Тифлис театрҳои доимии касбӣ ташкил шуданд. Театри советии арман с. 1918 дар Кавкази Шимолӣ ба вуҷуд омад. С. 1921 дар Ереван Театри якуми давлатии А. барпо шуд ва аз с. 1937 Театри ба номи Г. Сундукян унвон гирифт. С-ҳои 20—30 дар Ленинакан, Ереван, Кировакан ва диг. шаҳрҳо театрҳои нави давлатӣ ташкил шуданд. Ҳодимони машҳури санъати театрии А. инҳоянд: арт-они халқии СССР Р. Нерсесян, В. Папазян, В. Вагаршян, А. Аветисян, В. Аҷемян, Г. Ҷонибекян, арт-они халқии РСС Арм. Л. Зорабян, О. Гулазян, Д. Малян, Т. Сарян, В. Вартанян, Л. Калантар, А. Гулканян.

Кино. Аввалин фильмҳои хроникавӣ с. 1907 ба навор гирфта шудаанд. С. 1923 «Госкино» ташкил ёфта, аз с. 1957 киностудияи «Арманфильм» ном гирифт. Якумин фильми ҳуҷҷатии арманӣ «Арманистони Советӣ» (1924) ва фильми бадеӣ «Номус» (1925) мебошад. С. 1935 нахустин фильми овозноки арманӣ «Пэпо» баромад. Минбаъд фильмҳои зерин бароварда шудаанд: «Каро», «Зангезур», «Аз баҳри виҷдон», «Бо роҳи раъди ғуррон», «Шахсан маълум аст», «Роҳ ба саҳна», «Салом, ин манам» ва ғ. Дар тараққиёти санъати кинои А. режиссёрон А. Бекназаров, П. Бархударян, А. Мартиросян, А. Ай-Артян, С. Кеворков, Э. Карамян, оператори Д. Фельдман, Г. Бекназарян, С. Геворкян роли калон бозидаанд.

Харитаро нг. дар саҳ. 240—241.
Тасвирро нг. дар саҳ. 128—129.

Ад.: Арутюнян В. М., Сафарян С. А., Памятники армянского зодчества, М., 1951; История армянского народа, ч. 1, Ереван, 1951; Гоян Г., 2000 лет армянского театра, т. 1-2, М., 1952; Ганаланян О., Очерки армянской литературы XIX—XX вв., Ереван, 1957; Изобразительное искусство Армянской ССР, М., 1957; Шавердян А., Очерки по истории армянской музыки XIX—XX вв. (досоветский период), М., 1959; Армянское киноискусство, сб. ст., Ереван, т. 1—2, 1958—60; Армения, М., 1966; Очерки истории Коммунистической партии Армении, Ереван, 1967; Экономика и культура Армении к 50-летию Великого Октября (стат. сб.), Ереван, 1967. Асафьев Б. В., Очерки об Армении, М., 1958; Арутюнян В. М., Оганесе-

с я н К. Л., Архитектура Советской Армении. Ереван, 1955.

АРМАНИСТО́НИ КАБИ́Р, давлатест, ки а. 6 то м. дар вилоятҳои асосии пуштакӯҳи Арман ташкил ёфта, сонитар яке аз вил-ҳои давлати *Ҳахоманишиён* шуд. Дар охирҳои а-ҳои 4—3 то м. мустақил гардид. Дар давраи *эллинизм* дар А. К. муносибатҳои ғуломдорӣ инкишоф ёфт. Дар а-ҳои 3—2 то м. А. К.-ро намояндаи хонадони арманҳо *Арташеси* I (Артаксий), ки дар хизмати *Селевкиён* буд, забт намуд. Ӯ ҳудуди А. К.-ро васеъ кард ва ислоҳот гузаронда, ҳуқуқи моликияти хусусиро ба замин мустаҳкам намуд. Пойтахти давлат — Арташат (юн. Артаксат)-ро буньёд кард. А. К. дар аҳди Тиграни II (95—56 то м.), ки пойтахти нав — Тигранакартро бино кард, хеле нашъунамо ёфт. Сарҳадҳои А. К. хеле васеъ шуда, ба ҳайати он Софена, Мод, Атропатена, Сурия, Финикия, Киликия ва чанд давлату вилоятҳои диг. дохил гардиданд. А. К. давлати тавоно ва муқтадир гардид, вале баъди чанде дар ҷанг бо Рим қариб тамоми заминҳояшро аз даст дод ва дар ибтидои а. 1 м. сулолаи Арташесҳо сарнагун шуд. То нимаи а. 1 дар ин сарзамин ҳоҳ намояндагони Рим ва ҳоҳ Порт ҳукмронӣ карданд. Тиридоти 1 (аз 62, расман аз 66 то 80 — намояндаи хонадони подшоҳи Порт) ба сулолаи *Ашкониёни* арман, ки унвони «Шоҳони А. К.»-ро доштанд, асос гузошт. С. 114 А. К.-ро Рим ишғол ва музофоти худ эълон намуд, дертар дар А. К. ҳокимияти подшоҳӣ барқарор гардид. А. К. дар натиҷаи парокандагии феодалӣ суст шуд ва с. 387 онро Эрони сосонӣ ва Византия байни худ тақсим карданд.

АРМАНИСТО́НИ САҒИ́Р, вилояти кӯҳсор дар болооби д-ҳои Фурот, Ликус ва Галис. Хеттҳо ин мамлакатро Ҳайас меномиданд. Мувофиқи сарчашмаҳо халқи арман ва забони қадимаи он дар ҳамин ҷо ташаккул ёфтааст. Дар А. С. иттифоқи қабилаҳо бо сардории ҳайҳо ташкил ёфт. «Ҳай» то ҳол чун этноними халқи арман хизмат мекунад. А. С. ба ҳайати давлати *Ҳахоманишиён* дохил мешуд. Дар аҳди *Искандари Маҳдунӣ* А. С. тобеи мақдуниҳо буд; аз с. 322 то м.—давлати шоҳии мустақил бо пойтахташ ш. *Ани* Дар охири а. 2 то м. А. С. ба ҳокимияти подшоҳи Порт Митридоти VI Евпатор тобеъ гардид. Баъди ҳалок шудани ӯ ба дасти ҳокимони ғуногуни Рим гузашта, минбаъд ба ду музофот тақсим шуд.

АРМАНИҲО́ (худ ҳай ғӯянд), миллат, аҳолии асосии РСС Арм. Шумораашон 2 млн 658 ҳаз. наф. (1970). Инчунин дар РСС Гурч., РСС Озар. ва Кавкази Шимолӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Берун аз ҳудуди СССР қариб дар 60 мамлакати ҷаҳон зиндагӣ мекунанд. А. асосан дар ШМА (450 ҳаз.), Эрон (200 ҳаз.), Франция (200 ҳаз.), Лубнон (180 ҳаз.), Туркия (150 ҳаз.), Сурия (150 ҳаз.), Аргентина (60 ҳаз.), Ироқ (25 ҳаз.), РМА (25 ҳаз.), инчунин дар Бразилия, Канада, Юнон, Уругвай, Австралия, Булғория, Румыния, Ҳиндустон ва г. ҳаёт ба сар мебаранд. Шумораи умумиашон дар ҳорича қариб 2 млн. Пеш аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) қисми зиёди А., ки тақрибан 4 млн наф. буданд, дар ҳудуди Арманистони таърихӣ мезистанд: аз он ҷумла, дар Закавказия, империяи Россия то 1,5 млн, боқимонда дар Туркия. С-ҳои 1915—16 аз 2,5 млн А., ки дар Туркия зиндагӣ мекарданд, бештарашон аз ҷабри ҳукуматдорони онвақтаи Туркия ба Байнаннаҳрайн ва диг. мамлакатҳои олам ҳиҷрат карданд. Зиёда аз 300 ҳаз. наф. А.-и фирорӣ дар Закавказияи Россия маскан гирифтанд. Аз с. 1920 бозгашти А. аз ҳорича ба ватан сар шуд. Ба *забони арманӣ* гап мезананд.

Диндорон асосан пайрави дини насроний. Як қисми А.-и ҳорича католик ва протестант мебошанд. А.-и қадим аз аҳолии қисми шим. шарқии Осиёи Хурд пайдо шудаанд. Ин сарзамин дар навиштаҷоти хеттҳо (а-ҳои 16—15 то м.) Арматан, баъдтар (а-ҳои 14—13 то м.) Ҳайас номида мешуд. Аҷдоди А., ки бо номи урумейҳо маълум буданд, а. 12 то м. ба музофоти Шуприаи Ошур (ҷан. ғарби кӯли Ван) зада даромаданд. Аз ҳамин вақт ошурҳо низ Шуприаро Арме мегуфтагӣ шуданд. Он дар миёнаи а. 8 то м. ба давлати Урарту бо номи Урме, ё Арме ҳамроҳ шуд. Аҳолии ин вилоятҳо (Ҳайас ва Арме) ба забонҳои ҳиндуевропой — забони аҷдоди А. гап мезаданд, ки бо мурури замон забони қабилаҳои калон гардид. Баъди пойдор шудани Ҳокимияти Советӣ дар Арманистон (нояб. 1920) дар рафти сохтмони социалистӣ А. ҳамчун миллати социалистӣ устувор гардиданд. Халқи арман маданияти мутараққӣ ва ба худ хосеро ба вуҷуд овардааст, ки баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь бештар ривоҷу равнақ ёфт. Тадқиқоти олимони муосири арман, осори аҳли илму адаб, ходимони санъат, устодони гулдасти халқӣ мақбули ҳама гардидаанд. Дар ҳорича қисми асосии А. бо ҳунармандӣ ва савдо машғул буда, зиёиён низ бисёранд. Онд ба таърих, иқтисодиёт ва маданияти А. ниг. низ мақ. *Арманистон*.

Ад.: Народы Кавказа, т. 2, М., 1962.

АРМАТУ́РА (лот. armatura — ҷиҳоз), маҷмӯи олоту детальҳои фарҷӣ (одатан стандартӣ), ки ба таркиби таҷҳизоти асосӣ дохил намешаванду барои таъмини кори мӯътадили он заруранд. Дар техникаи санитарӣ А.-и трубопровод (вентиль, кран, клапан ва г.), дар техникаи электрикӣ А.-и электротехникӣ (патрон, васлак, розетка, ҷандил ва г.), дар бинокорӣ А.-и конструкцияҳои оҳанубетониро



Арматурахои конструкцияхои оханубетонй.

истифода мебаранд. Мас., дар конструкцияҳои оҳанубетонӣ А. барои мустаҳкам шудани маснуот хизмат мекунад. А. асосан дар шакли мил, сим, ё симтӯрҳои пӯлодин дар дохили бетон гузошта мешавад (ниг. *Оҳанубетон*). Меъморони Осиёи Миёна А.-ро аз қадим истифода мебурданд. Мас., барои мустаҳкам шудани лойдевор андаруни он синҷ мегузоштанд, ба лой коҳ ё ҳова мекарданд.

А́РМИЯ (франс. armée, аз лот. armo — мусаллаҳ мекунам), 1) ҷамъи қувваҳои мусаллаҳи давлатӣ. Чунон ки Ф. Энгельс гуфтааст, А. иттиҳоди муташаккили одамони мусаллаҳест, ки аз тарафи давлат ба мақсади ҷангҳои ҳуҷумӣ ё мудофиавӣ ташкил карда мешавад. Баробари тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда ва дигаргаршавии муносибатҳои истеҳсолӣ характеру тарзи бурдани ҷанг, навъи қувваҳои мусаллаҳи давлатҳо ва шаклҳои ташкилии А. ҳам тағйир меёбад. 2) Қӯшунҳои хушкигард — намуди асосии *қуввоҳои мусаллаҳ* дар қатори *Флоти Ҳарбии Баҳрӣ* ва *Қуввоҳои Ҳарбии Ҳавоӣ*. 3) Қисми қуввоҳои мусаллаҳи давлатӣ, ки дар майдони муҳориба барои иҷрои амалиёти ҷанги таъин шудааст. А.-и амалкунанда аст. Қисми қуввоҳои мусаллаҳи мамлакатро, ки муҳофизати сарҳади давлатӣ аз ҳуҷуми ногаҳонии душман дар хушкӣ, аз баҳр ва аз ҳаво, инчунин таъмини сафарбарӣ, ҷамъоварӣ ва муташаккил гардонидани қуввоҳои асосӣ ба зиммааш гузошта шудааст, А.-и паноҳанда меноманд. Қисми қуввоҳои мусаллаҳи мамлакат, ки барои дар ибтидои ҷанг ба сарзамини душман бо ҳуҷум дохил шудан пешбини шудааст, А.-и тасарруф номида мешавад. 4) Иттиҳодияҳои оперативӣ, ки барои иҷрои амалиёти ҷанги муқаррар шуда, ба ҳайати он якчанд қисмҳои аз як ё чанд намудҳои мухталифи қӯшун иборат буда, инчунин органҳои идоракуни, таъминоти моддию техникӣ ва тиббӣ дохил мешаванд. А. ҳамчун иттиҳодияи оперативи бори аввал дар Россия

АРКТИКА



ШКАЛАИ ЧУҚУРӢ ВА БАЛАНДИҲО БА ҲИСОБИ МЕТР

чуқуртар 6000 4000 2000 200 0 200 500 1000 2000 4000 баландтар

МАСШТАБ 1:40 000 000

400 0 400 800 1200 1600 км

Дар фабрикаи №4 СУГК с 1977
тайёр ва нашр карда шуд

РСС АРМАНИСТОН

с. 1812, Германия с. 1866 ва дар Франция с. 1870 ба вуҷуд омада буд. А.-ҳо чунин мешаванд: умумиқӯшунӣ (пиёдагард), танкӣ (механиконида), ҳавоӣ (авиационӣ), десанти ҳавоӣ ва мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ. Таркиби А. доимӣ набуда, ба характери ҷанг ва тарзи амали он, вазифаи оперативӣ ва намуди А., инчунин ба хусусиятҳои майдони амалиёти муҳориба вобаста аст. А. одатан, ба ҳайати *фронт* дохил мешавад ё худ метавонад дар баъзе самтҳо амалиёт зери итоати Сарфармондеҳи олӣ мустақилона амал кунад.

Дар солҳои Ҷанги граждани (1918—20) дар Қувваҳои Мусаллаҳи Советӣ А.-и савора низ пайдо шуд. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ А.-ҳо бо техникаҳои нав ҷиҳозонида шуданд.

Б. Шарифов.

АРМИЯИ ЗАХИРАВИИ САНОАТ, миқдори барзиёди коргарон назар ба эҳтиёҷе, ки капиталистон ба қувваи коргарӣ доранд. Ниг. *Бекорӣ.*

АРМИЯИ СОВЕТӢ, ниг. *Иттифоқи Советӣ, Қувваҳои Мусаллаҳ.*

АРМСТРОНГ (Armstrong) Нил (тав. 5.8.1930), астронавт (кайҳоннавард)-и ШМА, офицери флоти ҳарбии баҳрӣ. С. 1955 Ун-ти Пердью (штати Индиана)-ро хатм кард ва ихтисоси техники авиационӣ гирифт. Дар қисмҳои флоти ҳарбии баҳрӣ, инчунин дар маркази тадқиқотии Льюис ба сифати лётчики санҷишгар хизмат кардааст. Аз с. 1962 ба гурӯҳи кайҳоннавардони ШМА дохил шуд. 16 марти 1966 ҳамчун командири киштии кайҳонии «Ҷемини-8» ба коинот (бо Ҷ. Скотт) парвоз кард. 16—24 июли 1969 чун командири киштии кайҳонии «Аполлон-11» ба Моҳ парвоз намуд (бо Э. *Олдрин* ва М. *Коллинз*). 20 июли 1969 ҳуҷраи қамарӣ аз «Аполлон-11» ҷудо шуда, бо А. ва Э. Олдрин ба мавзеи баҳри Ороми Моҳ нишаст. А. дар таъриҳи инсоният аввалин шахсест, ки 21 июли 1969 ба рӯи Моҳ қадам ниҳод ва 21 соату 36 дақиқа он ҷо буд. Баъди иҷрои бомуваффақияти программа экипажи «Аполлон-11» ба Замин баргашт.

АРНАВАД, қулла, нуқтаи баланд-тарини қ-кӯҳи Дарвоз. Баландиаш 6083 м.

АРОБА, як навъи анъанавии нақлиёти ду ва чорчарха асосан барои кашондани одам ва бор. То Рев. Октябрь дар Осиёи Миёна, Кавказ, Крим ва ҷан. Украина машҳур буд. А.-и дучархаи якаспа аз қадим чун воситаи ҷанг маълум аст. А. асосан аз се қисм иборат: шоту, чархҳо ва тир. Хелҳои А.: кушод, каппадор ва мавсимӣ. А.-и дорои чархҳои калон кӯқандӣ ва А.-е, ки чархҳои хурд дошт, кӯтак номида мешуд. Як хели А.-ро, ки нисбат ба кӯқандӣ вазнинтар ва калонтар буд, хоразмӣ меномиданд. Баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна А-и чорчарха ва А.-и махсуси боркашонӣ пайдо шуд. Бо пешрафту тараққиёти нақлиёти техникӣ А. тадричан аҳамияти худро гум мекунад.

Н. Турсунов.

АРОБАКАШ, навъи харбузаи миёнсолӣ. Бештар дар вил. Ленинобод, водии Вахш, инчунин вил. Сирдарьё ва Тошкенти РСС Ӯзб. паҳн шудааст. Баъди 95—100 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш тухмшакл, дарозиаш 40—50 см, вазнаш 8—17 кг, пӯсташ камтӯри зард, мағзаш сафеди сершира, хуштамъ, то 10% қанд дорад.



Аз ҳар га 350—500 ц ҳосил медиҳад. Барои нигоҳ доштану хушконидан ва ба ҷойҳои дур бурдан мувофиқ аст.

АРПАТӮКИЛДӢ, деҳа дар С. қ. Меҳнатободи р-ни Восеи вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Москва». Аз А. то маркази С. қ. 5 км, то маркази район ва ст. р. о. камбар 8 км. Аҳол. 986 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, 2 китобхона, пункти тиббӣ, боғчаи бачагон, магазин, нуқтаҳои комб. хизмати маишии район мавҷуданд. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, чорводорӣ, шоликорӣ ва кирмакдорӣ. Заминҳо аз кан. Чӯбак ва пармачоҳҳо обьёрӣ мешаванд.

АРПАТӮКИЛДӢ, деҳа, маркази С. қ. Меҳнатободи р-ни Москваи вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Дружба». То маркази район 16 км; роҳ асфальт. Аҳол. 337 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ, коммутатор, магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Сокинонаш аз обҳои зеризаминӣ истифода мебаранд.

АРПЕҶИО, арпеҷо (итал. arpeggio — навохтани арфа), ҷудо-ҷудо ҳосил кардани садоҳои аккорд, ки бештар аз пардаи поён сар мешавад. Аз А. бештар ҳангоми навохтани арфа ва фортепиано истифода мекунанд.

АРРА, олатест барои буридани чӯб, тахта, устухон, садаф, санг, оҳан ва г. Аз рӯи шаклу таъинот хелҳои дастарра (яккаса), ғӯлабур (дукаса), шаддабур (дар асбобу дастгоҳсозӣ), тахтабур (дар чӯбкорӣ), пуштакӣ, шаддабури кашакдор, шаддабури бекашак, шаддабури дандонкалон, маҳинбур, нозук, мудаввар, пӯлодбур, садафбур, хатбур ва г. дорад. Дар чӯббурӣ бештар А.-и мудаввар ва занҷирии ба воситаи муҳаррики электрӣ коркунандаро истифода мебаранд.

АРРАМОҲӢ (Pristis), ҷинси ягонаи оилаи суфрамоҳиҳои аррафук.

Фуки дарози пачақи дандонадори аррашакл (номаш аз ҳамин ҷост) дошта, вале чун дигар моҳиёни аррабинӣ мӯйлаб надорад ва сӯрохи ғалсамааш поёнтар ҷойгир шудааст. А. 7 намуд дорад; дар обҳои тропикӣ ва субтропикии ҳамаи океанҳо, баъзан дар дарьёҳо ҳам вомехӯрад. Моҳӣ ва мавҷудоти бемӯҳраро мехӯрад, ҳатто баъзан онҳоро аз зери рег ва лой кофта меёбад. А. зинда (15—20-то) мезояд. Дарозии А.-и муқаррарӣ (P. pectinatus, ниг. расм) то 4,8 м ва вазнаш то 2 т мешавад. Аҳамияти хоҷагии А. кам аст.

АРРЕНИУС (Arrhenius) Сванте Август (19. 2. 1859, мулки меросии Вейки назди Упсала — 2. 10. 1927, Стокгольм), олими швед дар соҳаи химияи физикӣ, аъзои АФ Швеция (1901), аъзои фахрии академия ва ҷамъиятҳои якҷанд мамлакат, аз ҷумла АФ СССР (1926). Баъд аз хатми Ун-ти Упсала аз с. 1889 дар Ин-ти физикаи АФ Швеция дар Стокгольм ва аз с. 1905 директори Ин-ти Нобель шуд. Асосгузори назарияи диссоциацияи электролитӣ буда, баъзе муаммоҳои электрохимия ва назарияи маҳлулро низ ҳал кардааст, ки боиси пешрафти физика, геофизика, биология ва биохимия гардидааст. Дар кинетикаи химиявӣ муодилаи ба ҳарорат вобаста будани суръати реакцияро кашф намуд. Лауреати Мукофоти нобелӣ (1903).

АРРИАН (Arrianos) Флавий (тақр. с-ҳои 95—175), муаррих ва нависандаи Юнони Қадим. Дар Рим муддате дар вазифаҳои давлатӣ буд. С-ҳои 121—124 консул. Тақрибан с-ҳои 131—137 — волии Каппадокия. Доир ба фалсафа, таъриҳ, илми ҷанг, география ва г. асарҳо эҷодидааст. Китоби ҳафтҷилдааш «Таъриҳи юришҳои

Искандари Кабир» барои омӯхтани таърихи Осиёи Миёна махсусан аҳамияти калон дорад. Асарҳои таърихӣ ва географии «Ҳиндустон», «Сафари Понти Евксин» ва фалсафии ӯ «Эддоштҳо дар бораи Эпиктет» ва «Раҳнамо» то замони мо расидааанд. Асари охирин аз ду рисолаи доир ба илми ҷанг ва як рисолаи ояд ба шикор иборат аст. Аз диг. осори А. танҳо ном ё порчае боқӣ мондааст.

АРРИЁЗ, الرياض пойтахти Арабистони Саудӣ. Дар қисми марказии нимҷаз. Арабистон, дар вил. Нажд воҳеъ аст. Аҳол. 390 ҳаз. наф. (1976). А.— маркази саноат, маданият ва савдои мамлакат. З-дҳои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, устохонаҳои таъмири мошин ва р. о. мавҷуданд. Пункти асосии тиҷорат ва тақсимоти хурмо, пашм, чорвои майдаи шохдор, пӯст, марворид, мошинаю таҷҳизот. Академияи ҳарбӣ, ун-т, ин-ти олии техникӣ, станцияҳои электрикӣ ва радио, элеватор ва масҷидҳо дорад.

«АР-РИСОЛАТ-УЛ-КАМОЛИЯ ФИЛ-ҲАҚОЙҚ-ИЛ-ИЛОҲИЯ», الرسالة الكماليه في الحقائق الالهيه асари Фахруддини *Розӣ*. Дар ин китоб ҷараёни тафаккур ва андешаҳои каломии муаллиф хеле мухтасар, вале возеҳ ифода ёфтааст. Китоб аз даҳ мақола иборат буда, масъалаҳои мантиқ, категорияҳо, худошиносӣ, моддаю сурат, ҷисм, ҳаракат, замону макон, унсурҳои табиӣ ва ҷисмҳои осмонӣ, нафс, инчунин илми ҳайаттро дарбар гирифтааст. Муаллиф аксарияти ин масъалаҳоро аз мавқеи илми калом шарҳ дода, бо файласуфон, аз ҷумла, бо Ибни Сино баҳс кардааст.

Н. Кулматов.

АРСЁН (лот. Arsenicum), маргимуш, As, элементи химиявии гурӯҳи V системаи даврии Менделеев; рақами ат. 33, массаи ат. 74,921. Кристалли хокистарранги фӯлодгун. Изотопи собити А.-и табиӣ ^{75}As аст. Дар қишри замин массаи А. $1,7 \cdot 10^{-4}$%, бештар дар намудҳои минералҳои сульфурӣ (мас., *арсенопирит, аурипигмент* ва г.) дучор мешавад. Якчанд намудҳои аллотропии А. вучуд доранд. Собиттарини онҳо А.-и хокистарранги t гуд. 817° С, зичиаш 5727 кг/м^3 (дар ҳарорати 20° С) мебошад. А.-ро дар хӯлаҳо, пайвастҳои онро дар истеҳсоли шиша ва чинӣ, ҳангоми коркарди пӯст ва мӯйна, дар х. к. чӯн захри химиявӣ ва дар тиб чун дору истифода мебаранд. Ҳамаи пайвастҳои ҳалшавандаи А. захри қотиланд.

АРСЕНОПИРИТ, колчедани маргимуш, минерал, таркиби химиявиаш Fe As S (Fe 34,3%, As 46,0%, S 19,7%). Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ, аз рӯи маълумотҳои охирин — триклинӣ. Кристаллҳояш призмамонанд ё дарози сӯзаншакл; агрегатҳояш зич, донадор Ранги А. сафеди нуқратоб; ҷилои металлӣ дорад. Сахтиаш 5,5—6; зичиаш 5900—6200 кг/м^3; зудшикан. А. асосан дар конҳои гидротермалӣ ҳамроҳи сульфидҳои сурб, рӯҳ, висмут, бо минералҳои касситерит, вольфрамит, тиллои холис ва г. вомехӯрад. А. барои ҳосил кардани маргимуш минерали асосӣ мебошад. Конҳои он дар қ-кӯҳҳои Қурама ва Ҳисори РСС Тоҷ. ёфт шудааанд.

АРСЛОНХОН ارسلان‌خان Муҳаммад ибни Сулаймон (с. тав. номаълум — ваф. 1130, Балх), охирин ҳокими Моваруннаҳр (1102—30) аз сулолаи Қарахониён. Бо ёрии султон Санҷар ба тахт нишаст. Дар аҳди А. сохтмон ривоҷ ёфта, арк ва деворҳои Бухоро барқарор ва масҷиду мадрасаҳои зиёде сохта шуданд. А. дар охири умр ба бемории фалаҷ гирифтор шуда, ҳамроҳи писараш Наср ҳукм меронд. Рӯҳониён аз ҳукмронии Наср норозӣ буданд ва дере нагузашта ӯро куштанд. А. аз Санҷар имдод хост. Вале байни А. ва Санҷар низоъ афтод ва султон Самарқандро забт карда, А.-ро ба Балх бурд. Дере нагузашта А. дар он ҷо вафот кард.

Ад.: Бартольд В. В., Туркестан в эпоху монгольского нашествия, Соч., т. 1, М., 1963. *Ф. Пӯлодов.*

АРТАБОН (портӣ — Artabon, юн. қадим — Artabas), номи подшоҳон аз сулолаи *Ашкониёни* Порт.

А. I (211—191 то м.) бо шоҳи Селевкиён *Антиохи III* муборизаи бурда, истиқлолияти давлати Портро муҳофизат намуд. Дар аҳди ӯ қисме аз сарзамини Портро Селевкиён ишғол карданд.

А. II. (128—123 то м.)бо қабилаҳои бодиянишин муборизаи бурд. Тақрибан с. 123 то м. бо скифҳое, ки барои ғорати Порт омада буданд, ҷанг карда, шикаст хӯрд. Дар яке аз муҳорибаҳо маҷрӯҳ шуд ва дере нагузашта фавтид.

А. III. (тақр. 12 — тақр. 38) бо Рим ва қабилаҳои бодиянишини Эрони Шарқӣ алоқаро мустаҳкам карда, барои мутамарказии давлат кӯшид. Дере нагузашта бо иғвои римиҳо бо шоҳони Иберия Фарасман ва Митридот ҷангид ва шикаст хӯрд. Дар охирҳои ҳукмронӣ сарҳади давлати Портро васеъ кард ва мақоми сулолаи Ашкониёнро баланд бардошт: Месен, Форс, Эламро тобеъ карда, ба тахти ин давлатҳо хешовандон ва намояндагони сулолаи худро нишонд.

А. IV. дар с-ҳои 80 барои тоҷу тахти Порт муборизаи бурд. Дар бораи ӯ маълумоти диг. дар сарчашмаҳо нест.

А. V. (тақр. 209—224), намояндаи охирини сулолаи Ашкониён.

Барои боздоштани таназзули империяи Порт кӯшид. Вале с. 224 аз Ардашери Бобакон шикаст хӯрд ва сулолаи Ашкониён аз байн рафта, ба ҷои он дар Эрон сулолаи Сосониён ҳукмрон гардид.

Ад.: Дьяконов М. М., Очерк истории древнего Ирана, М., 1961; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972.

АРТАШЕСИ I, Артаксий (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 160 то м.), подшоҳи *Арманистони Кабир*, асосгузори сулолаи Арташесҳо. С. 190 то м. шӯриши арманҳоро бар зидди Селевкиён сардорӣ карда, Арманистони Кабирро мустақил эълон намуд (189 то м.). А. I мамлакатро васеъ ва мустаҳкам карда, пойтахтро аз Армавир ба Арташат кӯчонд. А. I ислоҳоте гузаронда моликияти хусусиро ба замин пурзӯр кард.

АРТЕК, лагери умумииттифоқии пионерии ба номи В. И. Ленин, дар соҳили ҷанубии Крим, наздикии Гурзуф. А.-ро с. 1925 КМ ВЛКСМ ва ҷамъияти Салиби Сурхи Россия ташкил карданд ва дар ихтиёри КМ ВЛКСМ мебошад.

А. калонтарин шифохонаи бачагонаи дар СССР буда, тамоми сол кор мекунад. Ҳудуди он 320 га аст. Бештар аз 150 биною иншооти ҳозиразамон, аз ҷумла 40 хобгоҳ, 3 табобатхона, мактаби 8-сола, қасри пионерон, станцияи техникии ҷавон, стадион барои 7 ҳаз. наф., 3 ҳавзи оббозӣ, музеи кишваршиносӣ, киностудияи пионерии «Артекфильм» ва г. дорад. Ҳар сол дар панҷ сменаи тобистона ва чор сменаи зимистона зиёда аз 27 ҳаз. пионеронро қабул мекунад, ки аз онҳо қариб 300 наф. аз Тоҷикистон мебошанд. Дар А. қариб 1000 наф. вожатыйҳо, муаллимон, роҳбарони кружоку секцияҳо кор мебаранд. Аз 300 наф. вожатыйҳои отряд 5 наф. аз Тоҷикистон аст. Дар роҳи тарбияи коммунистии пионерон корҳои муҳиме аз қабили форум, фестиваль, гулхани пионерӣ, экскурсия, поход, мусобиқаҳои спортӣ гузаронида мешаванд. Шифохонаҳои А. кабинету лабораторияҳои табобатию диагнозӣ, табобати шуоӣ, майдончаҳои спортӣ дорад. Воситаҳои асосии табобат: терапияи табиат, оббозӣ, тарбияи ҷисмонӣ, туризм ва г. С. 1945 ба муносибати 20-солагиаш бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат, с. 1957 барои фаъолияти пурсамараш дар роҳи мустаҳкам намудани сулҳ ва дӯстӣ бо Грамотаи Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ, с. 1975 ба муносибати 50-солагии рӯзи ташкилёбиаш бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шудааст.

Ю. П. Чернов.

АРТЕЛИ ХОҲАГИИ ҚИШЛОҚ, ниг. *Колхозҳо.*

АРТЕМИДА, олиҳа дар асотири Юнони Қадим, духтари *Зевс* ва *Лето*, хоҳари *Аполлон*. А. сараввал олиҳаи ҳосил ва мох, ҳомии ҳайвонот ва шикор, баъдтар ҳомии занон ва тифлон ҳисоб меёфт. А.-ро чун шикорчидухтари зебои камон дар даст тасвир мекарданд. А. ба Дианаи асотири Рими Қадим ва *Нанаи* асотири суғдиён ва халқҳои дигари эронинажоди Осиёи Миёна айният дорад.

АРТЕРИЯҲО (юн. aerteregō — нигоҳ доштан), шаръёнҳо, сурхраг, рагҳое, ки аз дил сар шуда, хунро ба

узвҳо ва бофтаҳои бадан мебаранд. Ба воситаи А. хуни тозаи аз оксиген сер (рангаш сурхи равшан) ҳаракат мекунад (ғайр аз артерияҳои шуш, ки онҳо хуни в а р и д и р о аз дил ба шуш мебаранд). Системаи артериалӣ аз А.-и шуш, аорта ва рагчаҳои хурдтарини хунгард (артериола) иборат аст. Рагчаҳои А. ба ҳам пайваста анастомозҳоро ташкил мекунанд, ки онҳо дар вақти дар А.-и асосӣ қатъ шудани ҳаракати хун узвҳоро бо хун таъмин мекунанд.

А. найчаи ниҳоят чандир буда, деворaҳои секабата дорад: пардаи беруниӣ (адвентиция), ки вайро бофтаи пайвандӣ; қабати миёна (медиа) — торҳои мушаки суфта ва бофтаи эластик; пардаи дарунӣ (интима) — лоиаи ҳуҷайраҳои эндотелӣ ташкил медиҳад. А. ба сабаби бисьёр чандиру бақувват будани деворaҳояш ба фишори калоне, ки аз кашишхӯрии дил пайдо мешавад, тоб меоварад. Ниг. низ *Рагҳои хунгард.*

АРТЁМ (фам. аслиаш С е р г е е в) Фёдор Андреевич (19. 3. 1883, деҳаи Глебово, губ. Курск — 24. 7. 1921), ҳодими партияви ва давлатии советӣ. Аъзои Партияи Коммунистӣ аз с. 1901. Аз оилаи деҳқон. С-ҳои 1901—02 дар Омӯзишгоҳи олии техникии Москва таҳсил кард. Иштирокчии фаъоли Рев. 1905—07 ва 1917. Дар Съезди 6-уми РСДРП(б) аъзои КМ интихоб шуд. Нояб. 1917 раиси Совети Харьков, раиси КҲР губерния. Аз февр. 1918 раиси СКХ ва комиссари хоҷагии халқи Республикаи Советии Донецк — Кривой Рог, аъзои КМ ПК(б) Украина. А. яке аз ташкилотчиёни мубориза бар зидди қӯшунҳои контрреволюционии Радаи марказӣ, казакҳои атаман Каледин ва истилогарони Австрияю Германия. Аз янв. 1919 ҷонишини раиси Ҳукумати муваққатии Украина. С. 1920 раиси Комиҷрояи губ. Донбасс. Дар Съезди 8 партия (1919) номзад ва дар Съезди 9 (1920) аъзои КМ РКП(б) интихоб шуд. Июли 1920 ва-

Артемидаи Версалй.

кили Конгресси 2-юми Интернационали Коммунистӣ. С-ҳои 1920—21 котиби Комитети партиявии Москва, баъдтар раиси КМ иттифоқи коргарони саноати маъдани Умумироссия. Аъзои КИМУ. А. ҳангоми санҷиши аэровагон ҳалок гардид. Дар Майдони Сурхи Москва дафн шудааст.

АРТИКЛЬ (франс. article; аз лот. articulus — ҷузъ, узв), калима ё ҳиссаҳои ёридиҳандае, ки бо исм омада, категорияҳои грамматикии муайянию номуайянӣ, ҷинсият, шумора ва маъноҳои гуногунро ифода мекунад. Ду навъ аст: препозитивӣ ва постпозитивӣ. А.-и препозитивӣ (дар забонҳои англисӣ, арабӣ, немисӣ, франсавӣ ва ғ.) пеш аз исм ва А.-и постпозитивӣ (дар забонҳои руминӣ, булғорӣ, албанӣ, забонҳои скандинавӣ ва ғ.) баъди исм меояд. А. дар баъзе забонҳо (англисӣ) тағьир наёфта, дар забонҳои диг. (романӣ, немисӣ) мувофиқи ҷинсу шумора ва падежҳо (немисӣ) тасриф мешавад. А. дар ҳамаи забонҳои германӣ, романӣ, сомӣ, юнонӣ, венгерӣ ва ғ. мавҷуд аст. Дар забони тоҷикӣ суффикси номуайянии — е (ё-и вахдат)-ро баъзе забоншиносон А. номидаанд.

Ш. Кабиров.

АРТИКУЛЯЦИЯ (лот. articulo — тақсим мекунам), дар фонетика кори узвҳои нутқ, ки барои талаффузи ягон овоз (фонема) зарур аст. Барои ин ки А. овозҳои конкрети нутқи инсонро ташкил диҳад, узвҳои артикуляционӣ бояд чунон ҳолатеро гиранд, ки резонаторҳо шакли даркориро пайдо намоянд. А.-и ҳар як фонема аз се ҳолати пай дар пай иборат аст: а) ҳолати ибтидо (шурӯъ), ки узвҳо аз ҳолати оромӣ баромада барои талаффузи овоз омода мешаванд; б) ҳолати амал, ки узвҳои нутқ ба якдигар бархӯрда ё наздик шуда ва ё ларзида ягон овозро ҳосил мекунанд; в) ҳолати бозгашт (руҷӯъ), ки узвҳои нутқ ба ҳолати аввала бармегарданд ва ё ба талаффузи овози диг. мегузаранд. А. гуногун мешавад: даҳонӣ, димоғӣ ва ғ. Вобаста ба заминаи А. овозҳо димоғӣ, лабӣ, ҳалқӣ ва ғ. мешаванд.

Т. Хаскашев.

АРТИЛЛЕ́РИЯ (франс. artillerie — омода кардан, ҷиҳозонидан), 1) навъи қӯшуни хушкигард; 2) маҷмӯи навъҳои аслиҳаи артиллерӣ, аз ҷумла навъҳои яроқи флоти ҳарбии баҳрӣ ва ҳавоӣ; 3) илми сохт, хосият ва усулҳои истифодаи аслиҳаи артиллерӣ.

А. чун навъи қӯшуни хушкигард аз иттиҳодия, қисм ва подразделенияҳо иборат аст, ки бо тӯпу миномётҳо, дастгоҳҳои реактивӣ ва снарядҳои зиддитанкии реактивии идорашаванда мусаллаҳанд. А.-и ядроӣ, зенитӣ, зиддитанкӣ, кӯҳгард, ракетиву реактивӣ, худгард ва ғ. навъҳои гуногуни А. мебошанд. А. бо воситаҳои разведка, алоқа, нақлиёт ва асбобҳои идоракунии оташи артиллерӣ таъмин буда, барои нобуд кардани воситаҳои оташфишон, техникаи ҳарбӣ, ҳайати шахсӣ, иншооти ҳимоятӣ ва диг. объектҳои душман истифода мегардад. А.-е, ки ба ҳайати иттиҳодия, қисм ва подразделения дохил мешавад, А.-и қӯшун (А.-и корпус, А.-и дивизия, А.-и полк, А.-и батальон) ва А.-е, ки ба ҳайати А.-и қӯшун дохил намешавад, А.-и р е з е р в и С а р ф а р м о н д е ҳ и О л и р о ташкил медиҳад. А.-и Флоти ҳарбии баҳрӣ аз А.-и киштӣ ва А.-и соҳил иборат аст. Дар Қувваҳои ҳарбии ҳавоии ҳозира асосан А.-и ракетиро истифода мебаранд. Аз рӯи иқтидор А. ба навъҳои А.-и сабук, миёна, вазнин, пуриқтидор ва фавқуликтидор ҷудо мешавад.

А. ҳамчун м а ҷ м ӯ и а с л и ҳ а и артиллерӣ ҳамаи навъҳои аслиҳаи оташфишон *(тӯп, гаубица,* мортира, дастгоҳи худгарди артиллерӣ ва реактивӣ, *миномёт, туфанг,* автомат, *пулемёт, гранатомёт),* ҳамаи навъҳои лавозимоти ҷангӣ (тир, гулӯла, мина), воситаҳои ҳаракат, асбобҳои идора кардани оташ ва нишонгирӣ, воситаҳои разведка ва ғ.-ро дарбар мегирад.

А. ҳамчун илм масъалаҳои сохту истифодаи аслиҳаву техникаи артиллерӣ, усулҳои татбиқи онҳо ва назарияи оташфишониро меомӯзад.

А. таърихи чандинасра дорад. Дар мамлакатҳои Шарқи Қадим — Миср, Байнаннаҳрайн, Хитой, Ҳиндустон, Эрон ва ғ. дастгоҳҳои қалъашикан ва техникаи оташ ва сангпаррониро истифода мебурданд. Пайдоиши нахустин аслиҳаи оташфишон дар охирҳои а. 13 — аввалҳои а. 14 ба арабҳо мансуб аст. Дертар аслиҳаи оташфишон ба Европа гузашт. С-ҳои 20—40-уми а. 14 аввалин намунаҳои яроқи оташфишон дар Италия, Франция, Германия ва Англия пайдо шуд. Дар сарзамини рус А. аввалин бор с. 1382 ҳангоми муҳофизати Москва аз ҳуҷуми Тӯхтамишхон ба кор бурда шуд.

Аввалин тӯпҳо аз ғулбаҳои металлии болғакӯб иборат буда, такьягоҳи чӯбин доштанд. Ба сифати тир сангпора ва гулӯлаҳои сурбиву оҳанин истифода мешуд. А-ҳои 14—15 дар Европа *рехтагарӣ* аз ҳуд шуд. Минбаъд тӯпҳоро аз мису биринҷӣ мерехтанд. Корҳои рехтагарию тӯпсозӣ дар сарзамини рус а-ҳои 15—16 ривоҷ ёфт. Дар Москва корхонаи махсуси «Пушечный двор» ба кор даромад. Истифодаи биринҷӣ ба инкишофи тӯпсозӣ роҳ кушод. Техникаи артиллерӣ такмил ёфт, истифодаи А. на танҳо дар муҳофизату муҳосираи шаҳру қалъаҳо, балки дар майдони муҳориба низ имконпазир гашт. Инкишофи минбаъдаи аслиҳаи қӯшунҳо А.-ро аз як навъи аслиҳа ба як навъи қӯшун (дар қатори қӯшуни пиёда ва савора) табдил дод.



Расми 1. 1 — мошини ҷангии артиллерияи реактивӣ БМ-13 («Катюша»); 2 — тӯпи зенитии 85 мм; 3 — мошини ҷангии снарядҳои реактивии идорашавандаи зиддитанкӣ (ПТУРС); 4 — артиллерияи реактивӣ; 5 — техникаи ракетӣ.

А-ҳои 16—17 илми артиллерия ба вуҷуд омад, ки он дар Россия махсусан аз нимаи дуюми а. 19 инкишоф ёфт. Дар инкишофи он ҳиссаи олимони ин соҳа Н. В. Майевский, А. В. Гадолин, Д. К. Чернов, Н. В. Калакуцкий, А. С. Лавров, Н. А. Забудский ва диг. калон аст. Дар таъриҳи А. ихтироъкори боистеъдоди рус В. С. Барановский мақоми хос дорад. С-ҳои 1872—77 ӯ аввалин намунаҳои тӯпҳои тезпарронро ихтироъ кард. Дар давоми ҷанги якуми ҷаҳонӣ аслиҳаи артиллерии ҳамаи давлатҳои ҷангкунанда миқдоран зиёд шуда, сифатан беҳтар гардид. Дурзанӣ ва иқтидори тӯпҳо афзуд. Бо огози истифодаи танку авиация зарурати буньёд кардани навъҳои махсуси А.: — зиддитанкӣ ва зенити ба миён омад. Солҳои Ҷанги граждани (1918—20) А. дар амалиёти ҳарбии қӯшунҳои советӣ роли калон бозид.

Саноати социалистии пуриқтидор, ки дар СССР дар давраи пеш аз ҷанг буньёд гардид, ба азнавсозии з-дҳои кӯҳна ва сохтани з-дҳои нави артиллерӣ имкон дод. Ин заводҳо ба истеҳсоли ҳамаи навъҳои аслиҳаи артиллерӣ қодир буданд. Дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) Армияи Советӣ бо тӯпҳои нави 45 ва 76 мм, тӯп, гаубица ва тӯп-гаубицаҳои 122 ва 152 мм, гаубицаҳои 203 ва 305 мм, мортираҳои 280 мм, миномётҳои 82 ва 120 мм, тӯпҳои зенитии 37, 76 ва 85 мм мусаллаҳ гардид. Танку самолёт ва киштиҳои флоти советӣ низ аслиҳаи артиллерии нав гирифтанд. Дар ҳамин давра олимони советӣ намунаҳои аввалини аслиҳаи реактивӣ (мас., «Катюша»)-ро ба вуҷуд оварданд. Дар буньёд кардани аслиҳаи артиллерии ҳаҷмдоҳ бюроҳои конструктори бо роҳбарии В. Г. Грабин, И. И. Иванов, Ф. Ф. Петров, Б. И. Шавырин ва диг. саҳми калон ғузоштанд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ А. яке аз навъҳои асосии қӯшунҳои хушкигард буд ва ба номи «худои ҷанг» сазовор гардид. Умуман, А.-и советӣ дар ғалабаи Армияи Советӣ бар Германияи фашистӣ роли калон бозид. Иқтидори бузурги А., имкониятҳо васеи идораи оташи пурзӯри он ва маҳорати баланди лашкарканиҳои советӣ дар муҳорибаҳои назди Москва, Сталинград, Курск, дар маъракаҳои ҳарбии Украина, Белоруссия, Наздибалтика, Яссы — Кишинев, Вислаю Одер ва Берлин баръало зоҳир гардид. Амалиёти муваффақиятноки А. дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо номи сарлашкарони боистеъдоди артиллерӣ Н. Н. Воронов, М. П. Дмитриев, С. А. Красноповцев, В. И. Казаков, М. И. Неделин, Г. Ф. Одинцов, Ф. А. Самсонов, А. К. Сокольский, Н. М. Хлебников, М. Н. Чистяков, И. Д. Яковлев ва диг. алоқаманд аст.

Инкишофи А. бо роҳи буньёд ва такмили А.-и реактивию идрӣ сурат гирифт. Илми А., ки ба комёбиҳои нави илму техника такя мекунад, солҳои охир хеле пеш рафт. Махсусан А.-и реактивӣ бо суръат тараққӣ кард, тезпаррӣ ва қобилияти ҳаракатикунии А.-и зиддитанкӣ баланд шуд, конструкцияи тӯпу гулӯлаҳо беҳтар гардид. Ҳангоми дар амалиёти ҷангии қӯшунҳо истифода набурдани аслиҳаи идрӣ А. ҳоиз ҳам қувваи асосии зарбазан, воситаи муҳими зиддитанкӣ ба ҳисоб меравад. Ба шарафи хидматҳои шоистаи А. дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз с. 1944 ҳар сол 19 нояб. чун Рӯзи Артиллерия ҷашн гирифта мешавад. Азбас-

Расми 2. Артиллерияи киштӣ ҳангоми маш.

ки А. ҳамаи вазифаҳои худро дар алоқамандӣ бо қӯшунҳои ракетии тактикию стратегӣ ичро мекунад, аз с. 1964 халқи советӣ 19 ноябрьро чун Рӯзи Қӯшунҳои ракетӣ ва А. ҷашн мегирад. Ниг. низ *Аслиҳаи ракетӣ*.

Ад.: Артиллерия и ракеты, М., 1968.

АРТИСТ (франс. artiste, аз лот. ars — ҳунар, санъат), ичрокунандаи рольҳо дар спектакльҳои драмавӣ (актёр), партияҳои опера ва балет, иштирокчии концерти эстрадӣ ва намоиши цирк. А. ба маънои васеаш — шахсе, ки дар ягон соҳаи санъат бо кори эҷодӣ машғул аст.

АРТИСТИ ХАЛҚИИ РСС ТОҶИКИСТОН, унвони фахрӣ, ки 28 марти с. 1939 бо Указ Президиуми Сове-

Расми 3. 1 — оташфишонии батареяи гаубицаҳои 122 мм; 2 — снарядҳои реактивии идорашавандаи зиддитанкӣ дар майдони ҳарб; 3—артиллерия дар юриш; 4—миномёт дар майдони ҳарб; 5 — шиллики дастгоҳҳои реактивӣ; 6 — батареяи дастгоҳҳои реактивии снарядандоз.







ти Олии РСС Тоҷ. таъсис ёфтааст. Унвони мазкур ба режиссёрон ва артистони театр, кино, эстрада, цирк, филармония, ба бастакорон, навозандагон, дирижёрон, балетмейстерон, роҳбарони бадеии дастаҳои навозандагон, хор, раққосон ва диг. дастаҳои санъаткорон барои маҳорати баланди ҳунарӣ, ба вуҷуд овардани образҳои барҷаста ва асарҳои саҳнавӣ, асарҳои мусиқӣ, тамошоҳои театрӣ, кинофильмҳо, барои хизматҳои бузург дар соҳаи тараққӣ додани санъат, тайёр кардани кадрҳои санъат дар республика дода мешавад.

Т. *Фозилова*, А. *Азимова*, С. *Тӯйбоева*, А. *Камолов*, М. *Зиёев* ва диг. аввалин А. Х. РСС Тоҷ. буданд. Аз рӯзи таъсис то 1 янв. с. 1977 ба 80 нафр санъаткорон унвони А. Х. РСС Тоҷ. дода шудааст.

АРТИСТИ ХАЛҚИИ СССР, унвони фахрӣ, ки 6 сент. 1936 бо Указ Комитети Марказии Иҷроияи СССР таъсис ёфтааст ва ба намоёнтарин ходимони санъати халқҳои Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ, фаъолтарин коркунони театр, мусиқӣ ва кинои советӣ дода мешавад. Аз ходимони санъати тоҷик инҳо ба гирифтани унвони А. Х. СССР мушарраф шудаанд: М. *Қосимов*, Л. *Зоҳидова*, Т. *Фозилова*, Ғ. *Ғуломалиев*, А. *Бурҳонов*, Ҳ. *Мавлонова*, А. *Бобоқулов*, М. *Собирова*, Н. Н. *Волчков*, Ғ. *Валаматзода*, Л. *Кабирова*.

АРТИСТИ ХИЗМАТНИШОНДОДАИ РСС ТОҶИКИСТОН, унвони фахрии коркунони санъат ва маданият, ки бо Указ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. 28 марти 1939 таъсис ёфтааст. Мувофиқи низомнома ин унвон ба артистон, режиссёрон, дирижёрон, концертмейстерон ва дигар коркунони эҷодии театр, кино, филармония, цирк, ба навозандагон барои маҳорат ва фаъолияти баланде, ки ба пешрафти санъат дар республика мадад мерасонанд, дода мешавад. Номи фахрии А. Х. РСС Тоҷ. ҳоло ба 275 нафар санъаткор дода шудааст. Бори аввал с. 1939 санъаткорони зерин ба ин унвон мушарраф шудаанд: Т. Фозилова, Г. Бакоева, М. Қосимов, А. Саидов, Ф. Исматов, С. Тӯйбоева, М. Саидов, Г. П. Менглет, Г. Ф. Степанова, Р. Ғолибова, А. Исҳоқова, А. Азимова, С. И. Якушев, П. И. Беляев, А. В. Миропольская, М. Г. Волин, М. Халилов, А. Бурҳонов, А. Зиёев, А. К. Муллоқандов, Б. Қ. Тӯраев. Баъд ин унвон ба санъаткорони зерин дода шудааст:

1941 — Ҳ. Аҳмадов, Р. Арслонова, А. Бобоева, М. Зиёев, О. Исомова, Ҳ. Тоҳиров, М. Ғиёсов, М. Розиқов.

1942 — А. Г. Ширшов, Ҷ. Искандаров.

1943 — Т. Тоҷибоев, З. Айюбҷонов, А. Д. Храмченко, Ш. Сиддиқова.

1944 — Л. В. Песков, Л. П. Сухаревская, И. А. Ханзель, Л. К. Колесов, Г. Флоринский, Ж. И. Лецкий, Н. Л. Суханов, Т. В. Сукова, П. С. Аленников, К. Я. Гурецкая, Ф. Шаҳобов.

1945 — А. И. Забазный, А. Абдуллоев, М. Баҳодуров, И. С. Гришин, В. А. Демепев, Ш. Қиёмов, Н. А. Леппик-Мировский, Ҳ. Назаров, З. И. Привалова, С. А. Раҳимов, О. П. Самос, Т. Бобиева, М. Исҳоқхонов, В. С. Смирнов, С. Вализода, О. П. Солюс.

1946 — В. С. Русанова, Е. А. Фала, З. Муллоқандов, Ю. Я. Исҳоқбоев, А. Хоҷаев, М. Назаров, Б. Карамхудоев.

1947 — Ф. Кӯинова, Н. Ғиёсов, Т. Қобилов, Ф. Ф. Сталешников.

1952 — К. Маҳкамов.

1953 — Л. И. Бочавер, Е. С. Висневский-Адрусский.

1955 — Б. Аҳмадова, А. П. Полякова, Н. Азимов.

1956 — Л. Латифов, С. С. Муравин, К. Мирмуллоев, В. П. Шатирова.

1957 — И. Э. Абдуллоев, М. Абдуллоева, Б. Алифбекова, А. А. Герр, А. Железнов, Ш. Каримова, В. Н. Кормилин, В. И. Мамонтов, Е. Н. Ноздрин, Е. К. Парамонова, А. Парпиев, В. Я. Рейнбах, И. Н. Савельева, А. А. Герасимов, Б. Ҳамидов, С. Хоҷаев, Э. Д. Айрапетянц.

1958 — М. Аҳроров, С. Холматов.

1960 — З. Раҳимова, Ф. Сайдуллоева, И. Табарова, И. Умарова, М. С. Орифов, И. Х. Добров, С. Каримов, Л. Шарифова.

1961 — Л. С. Карнеев.

1963 — Ф. М. Тошмуҳаммадов, Е. В. Шабанова, С. М. Аверьянов, И. С. Лелеко, А. Ғ. Ҳомидов, Г. С. Иванов, Х. Қосимов, М. Мамадазизов, Х. М. Муллоқандов, А. Раҳмонқулов, Х. Хоҷаев, Ф. Хоҷаев.

1964 — А. Абдурауфов, Е. Бободӯстов, З. Каримова, З. Нозимов, О. В. Дынник, Г. П. Масич.

1965 — Ҳ. Абдураззоқов, Е. В. Аргуновская, С. Бақоева, К. П. Баль, А. Ҷӯраев, Н. С. Карасёва, Н. Я. Кагонов, М. Маминов, М. С. Муравин, Ф. Г. Муҳаммадгалиева, Д. Назаров, Ҳ. Насибуллина, Б. Ниёзов, М. Пардаев, Ф. Солиев, М. Самандаров, Н. Фозилова, В. П. Харкевич, М. Шамсиддинова, И. Г. Фоменко, З. Искандарова.

1966 — Ш. Пӯлодов.

1967 — М. А. Алоев, Г. Мирҷумъаева, Ҷ. Муродов, Е. К. Забиякин,

1968 — Н. Г. Павленко, С. А. Азаматова, Я. Н. Ғолибов, К. Қосимов, З. Н. Захарова.

1969 — Н. Каримов, Б. Ҳабибов, Н. Х. Шоулов, В. И. Барботько, С. Фармонов.

1970 — Т. М. Абдушукурова, Ҳ. Гадоев, Қ. Ҳимматшоев, М. Исоева, А. Д. Наматиев, Ҳ. Саидаҳмадов, Ҳ. Шоҳимардонов, А. С. Волхова, Т. Р. Иброҳимова.

1971 — С. Исоева, М. Мамадаминов, Ҷ. Набиев.

1972 — Д. Б. Барон, С. М. Беҳбудӣ, В. А. Вансих.

1973 — М. Бобоев, Ю. Г. Соловей, Р. Азаматова, М. Дилдорова, Я. Р. Вовчук, Л. Г. Комлякова, Ҳ. Эркаева, М. Я. Калонтарова, Ш. М. Рашидова.

1974—А. А. Ерошенко, Г. П. Стругач, Н. Холов, Г. С. Воробьев, Р. Ҷ. Бурҳонов, Г. Г. Зорина, М. А. Камолова.

1975 — Я. Н. Алоев, З. М. Аминзода, З. М. Асанова, Ҳ. Маҳмудов, Т. Улмасов, А. Давлатов, П. Завқибеков.

1976 — Н. Г. Зуева.

1977 — З. И. Блидарёва, Б. Ҳ. Маҳмадқулов, М. Набиева, Ю. К. Харламбов.

АРТОБОЛЕВСКИЙ Иван Иванович (9. 10. 1905, Москва — 21. 09. 1977, ҳамон ҷо), олими советӣ дар соҳаи *назарияи мошин ва механизмҳо*, акад. АФ СССР (1946, аъзо-корр. 1939), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). С. 1926 Академияи хоҷагии қишлоқи ба номи К. А. Тимирязев, с. 1927 факти физика ва математикаи Ун-ти давлатии Москваро хатм кард. Аз с. 1927 дар мактабҳои олии Москва дарс мегуфт. Проф. Ун-ти давлатии Москва (1932—49) ва Ин-ти авиационии Москва (1942). С-ҳои 1937—77 дар Ин-ти илмии тадқиқотии мошинпшиносӣ кор кард. А. таснифи механизмҳои фазоиро кор карда, усули таҳлили кинематикии онҳоро нишон дод. Дар СССР яке аз аввалинҳо шуда оид ба механизмҳои фазоӣ рисола навишт («Назарияи механизмҳои фазоӣ», 1937). Усули таҳлили кинематикии механизмҳои мураккаби бисьёрузваро ба вуҷуд овард (1939). Оид ба проблемаи усулҳои назарияви ва амалии омӯзиши динамикаи мошинҳои корӣ, мошинҳои автоматӣ, истифодаи роботу манипуляторҳо ва мошинҳои қадамгузор тадқиқот мебарад. Аз с. 1966 раиси ҷамъияти умуминиттифоқии «Дониш». А. аъзои президиуми Совети умуминиттифоқии ҷамъиятҳои илмӣ-техникӣ ва Комитети миллии СССР оид ба механикаи назарияви ва амалӣ, президенти Фе-

дерацияи байналхалқӣ доир ба назарияи мошину механизмҳо, ноиб-президенти Федерацияи умумиҷаҳонии коркунони илмӣ буд. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7, 8, 9). Аз с. 1974 аъзои Президиуми Совети Олии СССР. АФ СССР ба А. Мукофоти ба номи П. Л. Чебышев (1946), Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ медали нуқраи ба номи Жолио-Кюри (1959), АФ Чехословакия медали нуқраи «Барои хизматҳои шоён дар тараққии илм ва ҷамъият» (1966), Ин-ти инженерҳо-механикҳои Англия медали тиллоии байналхалқии ба номи Ҷ. Уаттро (1967) дод. Академики фахрии Академияи Фанҳои Булғория, Польша, Англия, Югославия, Чехословакия ва Академияи байналхалқии таърихи илм интихоб гардидааст. Бо 5 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳои СССР ва хориҷа мукофотонида шудааст.

АРТРИТ (юн. arthron — банд, буғум, мафсил), касалие, ки аз илтиҳоби банд сар мешавад. Илтиҳоби як бандро моноартрит, якчандтояшро полиартрит меноманд. А. аз таъсири сирояти беморихои бактериалӣ, вирусӣ ва паразитӣ (мас., бруцеллёз, сӯзок, исҳоли хунин, сифилис, сил, тарбод ва ғ.), аллергия ва зарб хӯрдани банд ба вуҷуд меояд; аз рӯи давомнокӣ шадид ва музмин мешавад.

Аломатҳои умумии А.: дард, варам кардани буғум, вайрон шудани косаи зону ва кори он, баланд ё паст шудани ҳарорат ва сурх ё кабудча шудани пӯсти рӯи буғум.

Муолиҷа: бартараф намудани сабабҳои асосии беморӣ, истифодаи антибиотикҳо, гормонҳо, дорухои рафъи дард ва зидди илтиҳоб, варзиши шифоӣ, физиотерапия ва агар А. шадид бошад, амали ҷарроҳӣ.

АРТУЧ, деҳа, дар С. қ. Рӯдакии р-ни Панҷакенти вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Рӯдакӣ. Аз А. то маркази С. қ. 7 км, то район 67 км; роҳ. мошингард. Аҳол. 1200 наф. (1976), точикон. Мактаби миёна, мактаби ҳаштсола, пункти тиббӣ дорад. Машғулияти асосии мардумаш тамокупарварӣ, ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д-чаҳои Уреч ва Артуч обьёрӣ мешаванд.

АРТЮХИН Юрий Петрович (тав. 1930, деҳаи Першутиноои р-ни Клини вил. Москва), лётчик-кайҳоннавардӣ СССР, подполковник-инженер, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1974). Аъзои КПСС аз с. 1957. Пас аз хатми Омӯзишгоҳи техникии ҳарбии авиационии Серпухово дар қисмҳои авиационии Армияи Советӣ хидмат кард. С. 1958 Академияи ҳарбии ҳавоии инженерии ба номи Н. Е. Жуковскийро хатм кард. 3 июли 1974 якҷоя бо П. Р. *Попович* дар киштии кайҳонии «*Союз*-16» ба мадор баромад. Киштии кайҳонӣ бо станцияи автоматии идорашавандаи «*Салют*-3» васл шуд ва кайҳоннавардон ба ҳуҷраи он гузаштанд. Пас аз анҷоми программа 19 июль онҳо аз «Салют-3» ба «Союз-16» гузашта, ба Замин баргаштанд.

АРТЮХОВ Михаил Фомич (1912, деҳаи Дороговиновкаи р-ни Пугачёви вил. Саратов — 11. 4. 1974, пос. Октябри р-ни Вахш), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1949), Механизатори Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1956). Аъзои КПСС аз с. 1958. С-ҳои 1930—36 трактории с-зи «Трактористи»-и р-ни Иванкиеви вил. Саратов, 1936—50 мудири устохона ва сармеханики МТС-и ба номи Стаханови р-ни Вахш, 1950—74 — саринженери МТС (РТС)-и р-ни Октябрь, к-зи ба номи Ленин ва «Коммунизм»-и р-ни Вахш буд. Бо ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АРФА (нем. Harfe), асбоби қадимаи мусиқӣ, ки шакли секунҷа дошта, ба уд шабоҳат дорад. А.-и ҳозира 46 тор дорад, ки ба до-бемоль мажор ба таври диатоникӣ ҷӯр шудаанд. Садои А. маҳину форам буда, дар оркестр ва ансамбльҳои мусиқӣ, дар якканавозӣ ва яккахонӣ истифода мешавад. Дар маданияти қадимаи халқҳои Осиёи Миёна А. ҳамчун асбоби мусиқӣ хеле машҳур буд. Ҳангоми кофтуковҳои археологии с. 1938 дар минтақаи Айритом (соҳ. Амударьё) арақае пайдо кардаанд, ки дар он сурати навозандае бо А.-и 13-тора акс ёфтааст.



АРХАЙЗМ (юн. archaios — қадимӣ, кӯҳнашуда), калима, иборою таркиб, инчунин баъзе шаклҳои грамматикию қонуниятҳои синтаксисии кӯҳнашуда ва аз истеъмоли умум баромада, ки баъзан дар забони адабии китобӣ (бештар дар назм) ба мақсадҳои гуногуни услубӣ истифода мешаванд. Мавқеи истифодаи калимаҳои алоҳида бо пайдо шудани муродифҳояшон тадричан суст гардида, аз истеъмол мебароянд, мас., «туман» — «район», «русто» — «деҳа», «ҳамдуна» — «маймун». Баъзе калимаҳо ба сабаби аз байн рафтани мафҳумҳояшон аз истеъмол мебароянд: «гурз», «табарзин». Умри А. дар услуби адабии китобӣ нисбатан дарозтар аст: «хӯд», «идмон», «кохин». Баъзе калимаҳо, ки дар гуфтугӯ кам истифода мешаванд (мас., «сабӯ», «ақраб»), дар ҷараёни ба А. гузаштананд. *М. Муҳаммадиев.*

АРХАНГЕЛЬСК, шаҳр, маркази вил. Архангельски РСФСР. Яке аз калонтарин бандарҳои баҳрӣ ва дарьёии мамлакат. Узели р. о. Шаҳр дар ҳар ду соҳили д. Двинаи Шимолӣ ҷойгир аст. Аҳол. 391 ҳаз. наф. (1977). А. маркази калонтарини саноати чӯбу тахтаи СССР ва экспорти он аст. Комб-ҳои целлюлозаю коғаз, дарахтбурию чӯбгарӣ, з-дҳои мошинсозии саноати ҷангал дорад.

Архангельск. Маҳалли нави аҳолинишин.

Киштисозӣ ва таъмири он (з-ди калонтаринаш «Красная кузница») низ яке аз соҳаҳои асосии саноати шаҳр аст. Истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ (комб-ҳои моҳӣ, гӯшт ва ғ.), трикотаж ва пойафзол ривоҷ ёфтааст. Дар А. ин-тҳои техникаи саноати ҷангал, тиббӣ, педагогӣ, филиали ғоибонаи Омӯзишгоҳи олии инженерони баҳрии Ленинград, 2 театр, цирк, музейҳои кишваршиносӣ ва санъати тасвирӣ мавҷуданд. А. с. 1584 буньёд ёфта, Новохолмогоры ном дошт. Аз с. 1613 ш. Архангельск.

АРХАНГЕЛЬСК, вилоят дар ҳайати РСФСР. 23. 9. 1937 ташкил ёфтааст. Аз Шим. б-ҳои Сафед, Баренц, Печора, Кара иҳота кардаанд. Округи автономии Ненецҳо ва ҷаз-ҳои уқ. Яхбастаи Шимолӣ: Замини Нав, Замини Франц Иосиф, Соловец, Колгуев ва ғ-ро низ дарбар мегирад. Масоҳ. 587,4 ҳаз. км², аз ҷумла, масоҳ. округи автономии Ненецҳо — 176,7 ҳаз. км², ҷаз-ҳои баҳрӣ — 104,4 ҳаз. км². Аҳол. 1461 ҳаз. наф. (1977), асосан русҳо (91,6%), инчунин комиҳо, ненецҳо. А. яке аз ноҳияҳои камаҳолитарини мамлакат аст. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 2,5 кас. Вилоят ба 19 районо маъмурӣ тақсим шуда, 11 шаҳр ва 37 пгт дорад. Ш-ҳои калонаш: Архангельск (марказ), Северодвинск, Котлас, Онега, Нарьян-Мар. Вил. А. бо ордени Ленин мукофотонида шудааст (1967).

А. дар канори шим. шарқии ҳамвории Европаи Шарқӣ ҷойгир аст. Сатҳаш асосан ҳамвор. Дар шим. ғарбии вилоят кряжи кӯҳӣ воқеъ аст: Ветренный Пояс (бал. то 344 м), шарқтар кряжи Тиман, Канин Камень, қ-кӯҳи Пай-Хой. Сарватҳои зеризаминиаш: нефть, газ, ангишт, боксит, металлҳои рапга, гач, оҳаксанг, санги сохтмон. Иқлимаш ниҳоят хунук. Ҳарор. миёнаи янв. аз —10° то —17° С, июль— аз 10° то 13°С. Боришоти миёнаи солона дар округи



автономии Ненецхо 300—400 мм, дар ҷан. вилоят 500—550 мм. Дар вил. А. дарьёхо ва кӯлҳо бисьёранд. Ҳамаи дарьёхо (ғайр аз Илекса) ба ҳавзаи ук. Яхбастаи Шимолӣ мансубанд. Д-хои асосӣ: Двинаи Шимолӣ, Онега, Мезень, Печораи Поён. Бештар аз 2,5 ҳаз. кӯл дорад, калонтаринашон: Лача, Кенозеро, Кожозеро, Лекшмоозеро, Ундоозеро. Вил. дар зонаи тайга, кисми шим. шарқиаш дар тундра воқеъ аст. Дар тайга асосан дарахтони коҷ, санавбар, шарбин, ладен, тӯс меруёнд. Хокаш хокистарӣ, хокистарии ботлоқӣ, чимзамин. Олами ҳайвоноташ гуногун: рӯбоҳу гавазни шимолӣ, кабки сафед, санҷоб, хирс, харгӯш, гург, муши обӣ ва мурғони ҷанголӣ — дурроч, кабки сафед, чувшӣ, чилмург ва ғ.

А. ҳамчун нохияи мутараққии саноати комплексии чӯбу тахта ва экспорти чӯб, саноати моҳӣ, мошинсозӣ, целлюлозаю когаз (Архангельск, Котлас), химияи чӯб, саноати сабук ва хӯрокворӣ, сайд ва парвариши ҳайвоноти ваҳшию мӯйна маълум аст. Сохаи асосии х. к — чорводори. Дар Ч. ғалла, картошка, сабзавот, зағир кишт мекунанд; дар Шим. парвариши гавазн ва ҳайвоноти мӯйна, шикори моҳӣ ва ҳайвоноти баҳри ривоҷ ёфтааст. Тӯли р. о. вилоят 1600 км (1974). Ҳатҳои асосии р. о.: Коноша—Котлас—Воркута, Вологда—Архангельск ва р. о. Обозерский—Беломорск, Архангельск—Карпагори. Нақлиёти дарьёи, баҳрӣ ва ҳаво роли муҳим мебозанд. Тӯли умумии дарьёхои кештигард қариб 3800 км. Двинаи Шимолӣ бо шохобҳояш системаи муҳими нақлиёти обист. Бандарҳои баҳрӣ: Архангельск, Онега, Мезень, Нарьян-Мар.

Соли таҳсили 1973/74 вил. А. 1209 мактаби маълумоти умумӣ, 42 омӯзишгоҳи касбию техникӣ, 26 мактаби миёнаи махсус, 3 донишкадаи олӣ дошт. Дар А. инчунин 4 театр, 715 китобхонаи оммавӣ, 967 муассисаи маданию равшаннамой, 11 музей, 17 муассисаи тадқиқоти илмӣ, маркази телевизион ва радио мавҷуданд. Газетаҳои вилоят: «Правда Севера» ва «Северный Комсомолец».

Ад.: Селезнёв С. А., Трофимов П. М., Архангельская область, [Архангельск], 1967; Полежаев А. А., Семаков А. Н., Архангельская область в пятилетке, Архангельск, 1968.

АРХАНГЕЛЬСКИЙ Андрей Дмитриевич (8. 12. 1879, Рязань — 16. 6. 1940, Москва), геологи советӣ, акад. АФ СССР (1929). Проф. Ун-ти давлатии Москва ва Акад. кӯҳкории Москва (1920—32). Аъзои коллегияи Комиссариати маорифи Халқ (1920—40). Раиси филиали Қазоқистонии АФ СССР (1932—40), директори Ин-ти геологияи АФ СССР (1934—39). Асарҳои калони илмиаш рочеъ ба тадқиқоти масъалаҳои стратиграфия, литология, тектоника, палеогеография ва сарватҳои заризаминиаанд. А. домр ба геологияи Қисми европоии СССР ва Осиёи Миёна бештар аз 180 асари илмӣ навиштааст. А. дар китоби худ «Таҳнишастҳои даврии табошири болоии Туркистон» (1916) схемаи стратиграфии ҷинсҳои таҳшини даврии табошири болоии Осиёи Миёнаро тартиб дода, методикаи таҷдиди палеогеографиро боз ҳам инкишоф дод. А. харитаҳои геологии ноҳияҳои ҷудогонаи СССР-ро таҳриру мураттаб сохтааст. «Сохти геологӣ ва таъриҳи геологияи СССР» (1932—34) ном асари ӯ машҳур аст. А. ноҳияҳои нефтьдор ва конҳои сулфури ҷан. ғарбии Ӯзбекистон, инчунин водии Фарғонаро тадқиқ намуда, дар ин ҷойҳо мавҷуд будани нефту газро қайд кард. Барои тадқиқоти нефти ноҳияи Баҳри Сиёҳ сазовори мукофоти ба номи В. И. Ленин (1928) гардид. Кафидаи калони қишри Замин, ки дар ҷан. ғарбии б. Арал ҷой дорад, ба номи А. гузошта шудааст.

АРХАР, гӯсфанди кӯҳӣ (Ovis ammon poli), ҳайвони ширхори ҷуфтсуми ваҳшӣ аз ҷинси гӯсфанд (Ovis). А. калонҷусса, дарозиаш 140—200 см, баландиаш то 125 см, пойҳои дароз, шохи хеле нагз инкишофёфта (дарозии шохи морпечи А.-и нар то 190 см) дорад. Вазни А.-и болиғи нар 110—200 кг ва модааш 80—100 кг. Пашмаш кӯтоҳ, зичи дурушти аксаран бӯри ашҳабӣ. Дар 2,5-солагӣ болиғ ва то 5-солагӣ калон мешавад.

Мӯҳлати ҳамлаш 5—6 моҳ. А. ҳайвони мавзеъҳои баландкӯҳ (2800—5000 м аз с. б.), асосан дар Олтой, Осиёи Миёна ва Осиёи Марказӣ паҳн гаштааст. Дар РСС Тоҷ. фақат дар баландкӯҳҳои Помир дучор омада, саршумораш 70—80 ҳаз. аст (1968). А.-ро барои гӯшту пӯст шикор мекунанд. Дар СССР ва аз чумла дар РСС Тоҷ. шикори А. қатъиян манъ аст. Аз дурагакунии А. бо гӯсфанди меринос зоти *архармериноси қазоқиро* ба вуҷуд овардаанд. Нег. низ *Гурм*.

Ад.: Сапожников Г. И., Дикие бараны (род Ovis) Таджикистана, Д., [illegible] *Г. И. Сапожников.*

АРХАРМЕРИНОСИ ҚАЗОҚӢ, зоти гӯсфанди маҳинпашми гушту пашмдеҳ. С-ҳои 1934—50 дар РСС Каз. ба вуҷуд овардаанд. Зоти гӯсфандест, ки бо роҳи дурагакунии байниамму-

дӣ (мериноси навкавказӣ, *архар* ва ғ.) ба вуҷуд оварда шудааст. А. қ. ҷуссаи калон дорад ва ба шароити чарогоҳи баландкӯҳ тобовар аст. Вазни зиндаи қӯчқорҳояш 90—150 кг ва мешҳояш 55—65 кг мешавад. Аз ҳар сар қӯчқор 7—8 кг ва аз меш 3,2—3,5 кг пашм метарошанд. Аз 100 сар меш 110—120 сар барра мегиранд. Вазни барраҳои навзоди А. қ. 4,0—4,2 кг, чормоҳа 30—32 кг ва якунимсола то 50 кг аст. Гӯсфандони А. қ. бештар дар вил-ҳои Алмаато, Павлодар ва Қазоқистони Шарқӣ парвариш меёбанд.

АРХЕГО́НИЙ (юн. archē — оғоз ва gonē — тавлид, батни модар), узви модинаи *ушнаҳо, сархасшаклҳо, лучтухмҳо*, ки онҳоро аз рӯи ин аломаташон баъзан ба растаниҳои архегонӣ мансуб медонанд. А. кӯзашакл буда, аз қисми «шикам»-и васеъ, ки дар он тухмҳуҷайра ҷойгир мешавад ва гарданае, ки якчанд найчаҳуҷайра дорад, иборат аст. А. моддаи нутфакаш ҷудо мекунад. Нутфа бо гарданаи А. ба бӯни он ҳаракат карда, боиси бордоршавии тухмҳуҷайра мегардад ва дар натиҷа зигота ҳосил шуда, ба насли спорофити диплоид ибтидо мегузорад.

АРХЕ́Й (юн. archaios — қадим), эраи қадимтарин дар таъриҳи геологии Замин. Бо индекси AR ишора мешавад. Тахмин меравад, ки бештар аз 1800 млн сол давом дошт. Бо усули радиометрӣ муайян кардааанд, ки қадимтарин ҷинсҳои А. ба замони 3,5—4 млрд сол пеш тааллуқ доранд. Дар давоми эраи А. қабатҳои ғафси ҷинсҳои таҳшин ба вуҷуд омадаанд. Эраи А. бо ҳаракатҳои пурзӯри тектоникӣ — ҷиндоршавии ҷинсҳои таҳшин, оташфшонии вулқонҳо ва пайдо шудани интрузияҳои калон анҷом меёбад. Аз ин эра ҷинсҳои ниҳоят тағйирёфтаи метаморфӣ — гнейс, варақсангҳои кристаллию графитӣ, мармару кварцитҳо ва ғ. боқӣ мондаанд.

АРХЕО... (юн. archaios — қадима, бостонӣ), қисми аввали калимаҳои мураккабе, ки ба давраҳои атиқа, яъне бостонӣ мансуб будаиро ифода мекунад (мас., археология).

АРХЕОГРА́ФИЯ (аз *археo...* ва юн. grapho — менависам), соҳаи илми таъриҳ, назария ва амалияи нашри сарчашмаҳои хаттӣ, ташкили нашр, аниқ ва ҷамъ намудани ёдгориҳои таъриҳӣ, муайян кардани услуб ва шаклҳои нашр, қоидаҳои нашри илмию танқидии маъхазҳо ва ғ.-ро меомӯзад. А. бо филология, манбаъшиносӣ, палеография, матншиносӣ, дипломатика, архившиносӣ ва ғ. алоқаманд аст. А. дар Россия нимаи 1-уми а. 18 пайдо шуд. В. Н. Татищев нашри аввали «Русская правда» («Ҳақиқати рус») ва «Судебник 1550» («Судномаи 1550»)-ро ба чоп тайёр карда ба тавлиди А.-и рус асос гузошт. Дар инкишофи А. фаъолияти «Ҷамъияти таъриҳ ва осори қадимаи Россия» дар назди Ун-ти Москва (таъсисаш 1804) ва диг. ташкилотҳо аҳамияти калон доштанд. Дар СССР Ин-ти марксизм-ленинизм дар назди КМ КПСС, ин-тҳои таъриҳ ва шарқшиносии АФ СССР ва республикаҳои иттифоқӣ, Саруправлениеи архиви назди Совети Вазирони СССР ва республикаҳои иттифоқӣ муассисаҳои асосианд, ки бо А. машғуланд. Архивҳо, музейҳо ва диг. муассисаҳои илмӣ, ВКХ СССР низ бисьёр ҳуҷҷатҳоро ба чоп тайёр мекунанд. Мутахассисони археографро Ин-ти таъриҳи архиви Москва тайёр мекунад. Дар СССР «Қоидаҳои нашри ҳуҷҷатҳои таъриҳӣ» (1955), «Қоидаҳои нашри ҳуҷҷатҳои давраи советӣ» (1960) тартиб дода шуд.

Таъриҳи А. ва матншиносии форсӣ-тоҷик қадим буда, ин ҷо хизмати Абдулҳай Абдурраҳим Хилватӣ, Абдуллоҳи Сайрафӣ, Иброҳими Исфаҳонӣ, Мавлоно Абдулвосеъ, Ҷаъфари Бойсунқар ва диг. калон аст. Гурӯҳи калони хаттотону матншиносони форс-тоҷики а-ҳои 15—17 дар ш-ҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Балх, Марв, Нишопур, Хуҷанд ва ғ. китобҳои гаронбаҳо тартиб доданд. Азҳари Табрезӣ, Баҳруддини Котиб, Мирабдулбоқӣ, Ҳасани Зарринқалам, Ҳусайни Ҳиравӣ ва диг. аз ҷумлаи онҳоанд. Дар Тоҷикистони Советӣ корҳои археографӣ дар Ин-ти таъриҳи партия дар назди КМ ПК Тоҷ., инчунин ин-тҳои шарқшиносӣ, забон ва адабиёт, таъриҳи АФ РСС Тоҷ. ва дар архивҳо бурда мешаванд.

АРХЕОЛО́ГИЯ (аз *археo...* ва *...логия*), бостоншиносӣ, соҳаи илми таъриҳ, ки дар асоси ёдгориҳои моддии таъриҳи ҷамъияти инсониро меомӯзад. Бори аввал калимаи А.-ро дар а. 4 то м. *Афлотун* ба маъноҳои «воқеаҳои қадима» ба кор бурд. Усули асосии омӯзиши ёдгориҳои археологӣ ҳафриёт аст. Олоти меҳнат, яроқ, асбоби зинат, асбоби рӯзгор, истиқоматгоҳ, корхона, иншоотҳо обьёрӣ ва истеҳкомҳо объекти омӯзиши А. аст. Аз рӯи олоти ёфтшудаи меҳнат А. дар таъриҳи инсоннят се давр — *асри санг, асри биринҷӣ* ва *асри оҳан*ро муайян кард. Баъд ин давраҳои калон ба давраҳои майда тақсим шуданд, ки ба тараққиёти техникаи тайёр кардани олот вобаста аст. Ҳафриёти археологӣ ҳанӯз дар Рими Қадим гузаронида мешуд. Аммо ҳамчун соҳаи илм А. танҳо дар миёнаи а. 19 шакл гирифт.

Дар СССР тараққиёти А. аз с. 1919 сар шуд, ки дар ин сол В. И. Ленин Декретро дар бораи таъсиси Академияи таъриҳи маданияти моддӣ (аз с. 1937 Ин-ти таъриҳи маданияти моддии АФ СССР, ҳозир Ин-ти археологиеи АФ СССР) имзо кард. А.-и СССР муваффақиятҳои оламшумул ба даст оварда, дар омӯхтани сохти ҷамоаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ ва феодалӣ дар ҳудуди СССР саҳми бузург гузошт.

Дар Тоҷикистон ва умумаи Осиёи Миёна корҳои археологӣ пас аз ҳамроҳ шудан ба Россия сар шуд. Омӯзиши илмии таъриҳи атиқаи Тоҷикистон хусусан баъд аз таъсиси Экспедицияи археологии Тоҷикистон (ЭАТ, 1946) авҷ гирифт. Ҳозир дар республика бисьёр ёдгориҳои давраи палеолити поён *(маданияти Қайроқ-ҳум* ва ғ.), палеолити миёна (қаргоҳи *Оғзикичик)*, палеолити боло *(Шугнов)*, неолит *(Тутқавул)* ва ғ. омӯхта шуданд. Барои омӯхтани асри биринҷӣ ҳафриёти бошишгоҳҳои Қайроқкум, камари *Оҳтангии* р-ни Ӯротеппа ва ғ. аҳамияти калон дорад. Аз рӯи материалҳои димнаи *Қалъаи Мир, Саксонохур, Балдойтеппа, Кайқубодшоҳ* ва ғ. таъриҳи ҷамъияти синфии Бохтари Шимолӣ омӯхта ва саромади маданияти зироаткории поёноби Кофарниҳон ва Вахш муайян карда шуд. Оид ба маданияти қабилаҳои нимбодиянишини замони атиқа ва а-ҳои миёна материалҳои қабристонҳои Помир, водиҳои Бешкенту Вахш, р-нҳои Ашту Исфараю Мастчоҳ гаронбаҳоянд. Дахмаҳои водии Бешкенту Помири Шарқӣ имкон доданд, ки роҳи ҳиҷрати қабилаҳои сакоӣ ба Ҳиндустон муайян шавад. Дар омӯзиши шаҳрҳои асримёнагӣ, иқтисод ва маданияти онҳо хусусан натиҷаҳои ҳафриёти харобаҳои *Панҷакент* ва *Бунҷикат* аҳамияти калон доранд. Харобаҳои Панҷакент аз с. 1946 илмро бо материалҳои гаронбаҳо оид ба топографияи шаҳр, санъати меъморӣ, бинокорӣ, санъати тасвирию муҷассамасозӣ ва диг. соҳаҳои ҳаёти шаҳр бой карданд. Ҳафриёти Бунҷикат ва кӯшкҳои атрофи он низ оид ба санъати меъморӣ, кандакорӣ, тасвироти рӯи девор, ҳунармандии серсоҳа материалҳои гаронбаҳо дод. Ҳафриёти дайри буддоии *Аҷинатеппа* дар назди Қӯрғонтеппа бо ёдгориҳои серадади тасвирот ва муҷассамасозиаш имкон дод, ки мавқеи дини буддоиро дар таъриҳ ва маданияти Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян кунанд. Дар бораи шаҳрҳои даврои авҷи феодализм баъзе маълумотро материалҳои *Ҳулбак, Сайёд*, Хуҷанд, Конибодом ва Ӯротеппа доданд. Дар деҳаи

баланджӯҳи тоҷирон ва маъданканони а-ҳои 10—11 *Бозордара* матоҳо, ашёи чармию пашмӣ, ҳуҷҷатҳои хаттӣ боқӣ мондаанд.

Омӯзиши *Қалъаи Болои* назди Исфара, *Чилҷуҷраи* р-ни Уротеппа, қалъаҳои Помири Ғарбӣ ва Тоҷикистони Шимолӣ оид ба таърихи истеҳкомҳои ҳарбии тоҷикон материали бисьёр дод. Маълумоти бой оид ба таърихи маъданканӣ ва металлургия ба даст омад ва имконият дод, ки дараҷаи тараққиёти кӯҳканӣ, техникаи он, таҷрибаи маъданҳосилкуниро муайян намоем. Таҳқиқи системаи қадимаи обьёрии водии Вахш ва *Истравшан*, омӯзиши технологияи касби кулолии Осиёи Миёна оғоз ёфт. Дар омӯзиши археологии Тоҷикистон саҳми олимон А. Ю. Якубовский, М. М. Дьяконов, А. М. Беленицкий, А. П. Окладников, Б. А. Литвинский, А. М. Мандельштам, Н. Н. Неъматов, В. А. Ранов, Е. А. Давидович, Б. Я. Ставиский, А. Ҷ. Ҷалилов, В. Л. Воронина, М. А. Бубнова, Т. И. Зеймаль, Ю. Ёқубов, А. Исҳоқов, А. Ҷ. Бобоев ва диг. калон аст. *У. Пулодов.*

АРХЕОПТЕ́РИКС (аз *архео...* ва юн. ptéryx — мурғ) (Archaeopteryx lithographica), паррандаи қадима. Бори аввал пақши параш с. 1860 дар станцияи Золонгофени Бавария (РФГ) аз байни варақсангҳои литографии даврои юраи боло ёфт шудааст. А. даҳони серданданҳо, думи дарози серпат, чангол ва пойҳои пулакчадор дошт. А. тақрибан ба зог баробар будааст. Тахмин мекунанд, ки А. нагз парвоз карда наметавонист. Саравлоди А. текодонт ном гурӯҳи *динозаврҳои* ибтидоӣ будааст. Ҳамагӣ 3 скелет ва пақши пари А. ёфт шудааст.



Кашфи А. аз хазандаҳо пайдо шудани паррандаҳоро тасдиқ карда, дар инкишофи таҳриҳи мӯҳрадорон марҳилаи муҳимеро ишғол кард.

АРХЕСПОРИЙ (юн. arche — оғоз ва spora — тухм), ҳуҷайраҳое, ки дар ушна ва саҳрасшаклҳо *спора* ва дар растаниҳои гуддор *гаро* ва чаниндон ҳосил мекунанд.

АРХИ... (юн. archi... асосӣ, олӣ), 1) як қисми таркиби калимаҳои мураккаб, ки ба сарварӣ, олимансабӣ, мартабаи калисоӣ ишора мекунад (мас., архиепископ). 2) Префиксест, ки дараҷаи олии мафҳумеро ифода мекунад (мас., архиреакционӣ).

АРХИ́В (лот. archivum, аз юн. archeion — ҷои ҳузур, маҳзар), муассисаи мустақил ё шӯъбаи муассиса, ташкилот, корхонае, ки материалҳои ҳуҷҷатӣ, инчунин маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дар натиҷаи фаъолияти муассиса, ҷамъият ва шахсони алоҳида пайдошударо ҳифз мекунад. А. ба мақсади тадқиқоти илмӣ, эҳтиёҷоти амалияи хоҷагӣ ва идоракунии давлат хизмат менамояд. Таъриҳи архиви ватанамон аз ҳазорсолаи 1 то м. сар мешавад. Ёдгории хаттии а-ҳои 9—6 то м. дар ҳудуди яке аз қадимтарин давлатҳои ғуломдории ҷаҳон Урарту дарёфт шудааст. Ёдгориҳое ёфт шудаанд, ки дар бораи давлатҳои Осиёи Миёна — Порт, Хоразм, Суғд, давлати Сомониён маълумоти хаттӣ доранд. Дар Осиёи Миёна а-ҳои 8—10 баробари А.-ҳои давлатӣ А.-ҳои шахсӣ низ пайдо шудаанд (А.-и Деваштичи Панҷакентӣ ва г.); Ибни Сино дар бораи А.-и китобхонаи Сомониён дар Бухоро маълумоти пурқимат гузоштааст. Дар ин вақт дар байни диг. халқҳо низ А. пайдо шуд. Нахустин А. дар Руси Киев дар даргоҳи князьҳо, ибодатхона ва калисоҳо ташкил ёфт. Баъди ташкил шудани давлати мутамаркази Русь дар Москва дар а. 16 А.-и подшоҳӣ таъсис гардид, ки дар он ҳуҷҷатҳои князиҳои алоҳида, материалҳои доир ба идоракунии дохилӣ ва равобити беруниӣ бо мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Шарқ гирд оварда шуданд. Дар ибтидои а. 18 дар натиҷаи ислоҳоти Пётри I А. аз коргузории умумӣ ҷудо гардида, ба ихтиёри шахси махсус — архивариус дода шуд. Сонитар А.-ҳои махсуси соҳавӣ ташкил ёфтанд. Қариб ҳамаи вазоратҳо ва идораҳои калон А. доштанд.

С. 1904 дар Женева бо ташаббуси В. И. Ленин дар назди КМ РСДРП(б) А. ташкил ёфт. То Рев. Октябри 1917 дар Россия як маркази ба А. роҳбаҳарикунанда набуд ва ин ҳол ба пешрафти кори А. таъсири манфӣ мерасонд. Баъди Рев. Октябрь дар асоси қарори СКХ аз 1 июни 1918 «Дар бораи дигаргунсозӣ ва марказонидани кори архив» ва диг. қарорҳои доир ба А. дар РСФСР ҳамаи А.-ҳои муассисаҳои алоҳида барҳам дода, ҳуҷҷатҳои онҳо ба фонди ягонаи А.-и давлатӣ супорида шуд. Ба кори А. Саруправленияи А.-и назди Совети Вазирони СССР роҳбарӣ мекунад. Дар республикаҳои иттифоқӣ, ғайр аз РСФСР, ки А.-и он ба Саруправленияи А.-и давлатии назди Совети Вазирони СССР тобеъ аст, ба кори А. саруправленияҳои республикавӣ роҳбарӣ мекунанд. Дар республикаҳо, вилоятҳо ва округҳои автономӣ ва районҳо А.-ҳои маҳаллӣ ҳастанд, ки дар ихтиёри шӯъбаҳои комитетҳои Советии депутатҳои халқӣ мебошанд. Ғайр аз А.-и давлатӣ дар муассиса, ташкилот, корхонаҳо А.-ҳои ҷорӣ ҳастанд, ки дар онҳо материалҳо мувоқкатӣ (аз 5 то 40 сол) нигоҳ дошта шуда, баъд ба А.-и давлатӣ супорида мешаванд. Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба фонди А.-и давлатӣ хеле зарар расонд, аммо органҳои давлатию партиявӣ, Армияи Советӣ ва одамони советӣ бисьёр ҳуҷҷатҳои муҳимро эҳтиёт карда тавонистанд.

А. дар бораи стажи кор, маош ва г. ба гражданинҳо справкаҳо медиҳад, ҳамроҳи ин-тҳои тадқиқоти илмӣ ҳуҷҷатҳои таъриҳиро меомӯзад ва нашр мекунад. Барои А. дар Ин-ти таъриху архиви Москва (с. таъсис 1930) мутахассисҳо тайёр мекунанд. 2 марти 1966 дар Москва Ин-ти тадқиқоти илмии умуминиттифоқии ҳуҷҷатшиносӣ ва кори архив ташкил шуд. Аз февр. 1966 маҷаллаи «Советские архивы» («Архивҳои советӣ») нашр мешавад. Пештар маҷаллаҳои зерин чоп мешуданд: «Красный архив» («Архиви сурх» 1922—24), «Архивное дело» («Коргузории архив», 1923—41), «Исторический архив» («Архиви таъриҳӣ», 1955—62), «Вопросы архивоведения» («Масъалаҳои архившиносӣ», 1959—65).

Дар Тоҷикистон ба фаъолияти ҳамаи архивҳои соҳавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, районӣ ва г. Саруправленияи А.-и назди Совети Вазирони РСС Тоҷ. роҳбарӣ мекунад. Ҳуҷҷатҳои партиявӣ ва ЛКСМ Тоҷикистон асосан дар А.-и Филиали тоҷикистонии Ин-ти марксизм-ленинизми назди КМ КПСС (Ин-ти таъриҳи партияи назди КМ ПК Тоҷикистон) гирд оварда шудаанд. Управлонияи А.-и назди Совети Вазирони РСС Тоҷ. якҷоя бо управлениях ои А.-и ВАБК, вил.-ҳои Ленинобод, Кӯлоб ва Қурғонтеппа, А.-ҳои шаҳрию районӣ, АФ республика, Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ ва г. бисьёр ҳуҷҷатҳоро ба чоп тайёр мекунад ва бароҳ беҳтар шудани кори А. тадбирҳо меандешад.

АРХИ́ВИ БОҒАЗКЁЙ, архиве, ки дар пойтахти давлати Хетт-Хаттусас (Боғазкёй, Анатолияи Марказӣ, Туркия) ёфт шудааст. Ин архив бештар аз 15 ҳаз. ҳарфи меҳӣ дошта, ба забони хеттӣ, баъзе матнҳои таъриҳӣ ва сиёсӣ ба забони акадӣ, баъзе порчаҳои динӣ ба диг. забонҳои қадимаи Осиёи Хурд навишта шудаанд. А. Б. солнома, ахбор, фармонҳо, аҳднома, мукотибаи дипломати, васика, маҷмуи қонунҳо, қарорҳои суд, шеъру афсонаҳо, тасвири идҳои динӣ, лугатҳои шумерию акадӣ ва г.-ро дарбар мегирад. Матнҳои А. Б. ба даврои нави хетт— а-ҳои 14—13 то м. ва ин қисмаш ба а. 17 то м. мутааллиқанд.

АРХИВИ ДАВЛАТИ ВА ПАРТИЯВИИ ЛЕНИНОБОД, яке аз аввалин ва калонтарин архивҳои республика буда, 9 апр. 1925 таъсис шудааст. Ҳоло бештар аз 600 фонд дорад, ки дар он асосан ҳуҷҷатҳои аз с. 1917 маҳфузанд. Ҳуҷҷатҳои боқимондаи оид ба ҳамроҳ карда шудани Тоҷикистони шим. ғарбӣ ба Россия (аз с. 1867) низ дар А. ҷамъ оварда шудаанд. Материалҳои А. д. ва п. Л. рафти сохтмони социалистӣ ва коммунистиро дар районҳои шимолии республика инъикос менамоянд. Дар ин ҷо нодиртарин ҳуҷҷатҳое, монанди нусхаи аслии протоколҳои Маҷлиси машвараткии Советии депутатҳои коргарон ва солдатҳои Хуҷанд нигоҳ дошта мешаванд. Дар А. ҳуҷҷатҳои доир ба таърихи мубориза бо босмачиён, дигарсозиҳои бузурги иҷтимоию иқтисодӣ ва маданӣ дар солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ дар шимоли республика, ҳуҷҷатҳои оид ба фаъолияти ташкилотҳои маҳаллии партиявӣ ва советӣ дар сохтмони социалистӣ, баланд бардоштани дараҷаи маданият ва беҳтар намудани ҳаёти меҳнаткашон низ маҳфузанд. Доир ба иштироки ленинободиҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ материали фаровоне ҳаст. Дар фондҳои А. чанд ҳуҷҷате ҳаст, ки бо номи В. И. Ленин вобаста аст. Ходимон ва кормандони пуртаҷрибаи архив тадқиқоти илмӣ, кори пропагандистӣ ва археографии зиёде мебаранд.

Аз с. 1920 дар Ленинобод архиви партиявӣ низ буд, ки дар он ҳуҷҷатҳои партиявии уезди Хуҷанд, сонӣ комитети партиявии округ маҳфуз буданд. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои ибтидоии партиявӣ ва советии р-нҳои шимолии Тоҷикистон ба ин ҷо фиристода мешуданд. С. 1961 ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба ихтиёри архиви марказии КМ ПК Тоҷ. супурда шуданд. Февр. 1972 архиви партиявии вилоят аз нав таъсис гардид, ки дар он материалҳои аз с. 1968 то имрӯз маҳфузанд. *Ғ. Ҳайдаров.*

АРХИВҲОИ ДАВЛАТИИ РСС ТОҶИКИСТОН, миёнаҳои с-ҳои 20-ум ташкил ёфта, адад ва структураи онҳо борҳо аз нав тартиб дода шудааст. Ҳоло дар республика Архиви марказии давлатии (АМД) РСС Тоҷ. (1931), Архиви марказии давлатии ҳуҷҷатҳои кинофотофонои (АМД ҲКФФ) РСС Тоҷ. (1971), 8 филиали АМД (1962) дар ш-ҳои Ленинобод, Кӯрғонтеппа, Орҷоникидзеобод, Кӯлоб, Конибодом, Ӯротеппа, пос. Ғарм, Ҳисор, Архиви давлатии Вил. Автон. Бадахшони Кӯҳӣ (АД ВАБК), архивҳои шаҳрии Исфара, Панҷакент ва 18 архиви давлатии районӣ мавҷуд аст. Дар А. ҳуҷҷатҳои муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои то давраи революция, инчунин Республикаи Халқии Советии Бухоро, Республикаи Автон. ва Иттифоқии Советии Социалистии Тоҷикистон маҳфуз аст. Онҳо аз с-ҳои 60-уми а. 19 то рӯзҳои моро дарбар мегиранд ва оид ба таъриҳи дигаргуниҳои революционӣ, ки дар солҳои Ҳокимияти Советӣ дар республика ба вуҷуд омадаанд, манбаи асосӣ мебошанд.

Ғайр аз он дар архивҳо фондҳои шахсии иштирокчиёни фаъоли пойдор кардани Ҳокимияти Советӣ ва сохтмони социалистӣ, Ҷанги граждани ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ходимони санъат, адабиёт ва ғ. нигоҳ дошта мешаванд. АМД РСС Тоҷ.— архиви калонтарини республика. Дар он ҳуҷҷатҳои органҳои олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, суду прокуратураҳои Бухорои Шарқӣ, Республикаи Автон. ва Иттифоқии Советии Социалистии Тоҷикистон; материалҳои съездҳои Советҳо, сессияҳо ва Президиуми КИМ ва Совети Олӣ, Совети Вазирон, вазоратҳо, органҳои планкашӣ, Совети олии хоҷагии халқ, муассисаҳои саноатӣ, нақлиёт, бинокорӣ, молия, савдо, илмию тадқиқотӣ, иҷтимоию маданӣ ва маданию равшаннамоӣ, нашриёту редакцияҳо, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои матлубот ва диг. ташкилотҳои ҷамъиятии тобеи умумииттифоқу республика ва ш. Душанбе, ҳуҷҷатҳои ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, навоварони машҳур ва пешқадамони истеҳсолоти социалистии республика, Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ ва ғ. гирд оварда шудаанд. Аз давраи пеш аз революция ҳуҷҷатҳои органҳои маҳаллии идораю худидоракунии давлатӣ, суду нотариат, ташкилотҳои ҳарбӣ, полиция, молия, хоҷагӣ ва ҷамъиятии уезди Хуҷанд, қисман уездҳои Ҷиззаху Исфараи вил. Самарқанд низ нигоҳ дошта шудаанд, ки онҳо асосан аз таъриҳи шим. ғарби Тоҷикистон, микрокопияҳои ҳуҷҷатҳои идорадории қушбегии амири Бухоро (бо маълумотҳои оид ба Бухорои Шарқӣ) иборатанд. Дар АМД ҲКФФ Тоҷикистон, фильмҳои асосии зиёди хроникавию ҳуҷҷатӣ, киножурналҳо, суратҳои ҳуҷҷатӣ (негативҳо ва альбомҳои тематикии фотопозитивҳо), фонотекаи бадеӣ ва фольклор ҷамъ оварда шудаанд. Қисми асосии ҳуҷҷатҳо ба давраи советӣ дахл доранд, ки мубориза зидди босмачиён, ташкил ёфтани РСС Тоҷ., барқарор кардани хоҷагии халқ, индустрияқунонии социалистӣ, коллективонидани х. қ., иштироки халқи тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, сохтмони станцияҳои электрикии обӣ ва иншоотҳои ирригационӣ, инкишофи илм, маданият, санъат, нигоҳдории тандурустӣ, фаъолияти пешқадамони истеҳсолот ва х. қ.-ро инъикос мекунанд. Киною суратҳои ҳуҷҷатӣ фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, идҳои умумихалқӣ, кайдҳои чашнҳоро дар бар мегиранд. Дар архив лентаю пластинкаҳои мусиқии опера, хор, вокалу асарҳои симфонии бастакорони тоҷик, мусиқӣ ва сурудҳои халқӣ низ мавҷуданд.

Ба ҳамаи архивҳои давлатии республика Управлениии архиви назди Совети Вазирони РСС Тоҷ. роҳбарӣ мекунад. *А. Каҳҳоров.*

АРХИКАРП, ҷинси модинаи бештари занбӯруғҳои халтадор *(аскомицетҳо)*. А. аз аскогон (қисми поёнӣ) ва трихогина (қисми болоӣ) иборат аст. Ба воситаи трихогина нутфа *(антеридий)* ба аскогон мегузарад ва бордоршавӣ ба вуқӯъ меояд.

АРХИМЕ́Д (Archimedes, такр. 287—212 то м.), Арашмидус, математик ва механики Юнони Қадим.

А. дар Сиракуза (ҷаз. Сицилия) таваллуд шуда, бештари умри худро дар ҳамон шаҳр гузаронидааст. Тахмин меравад, ки ӯ писари астроном Фидий будааст. А. фаъолияти илмии худро чун механик ва техник оғоз намуд. Ба Миср сафар карда, бо олимони Искандария (Конон, Эратосфен ва диг.) робитаи илмӣ пайдо кард, асарҳои онҳоро омӯхт. Ин ба инкишофи фаъолияти илмии А. такони зӯр дод. А. ба аҳли дарбори подшоҳи Сиракуза Гиерони II наздик буд. Дар ҷанги дуюми Пунӣ А. мудофиаи инженерии Сиракузаро ташкил кард. Мошину механизмҳои ҳарбие, ки ӯ сохта буд, римиёнро аз ҳуҷуми қатъӣ ба шаҳр боздошт. А. ҳангоми аз тарафи қӯшуни Марцелл ишғол кардани Сиракуза аз дасти аскари римӣ кушта шуд. Дар қабри А. ёдгорие гузошта шудааст, ки шакли кура ва силиндри дар атрофи он кашидашударо дорад. Мазмуни катибаи санги мазор он аст, ки ҳаҷми фигураҳои мазкур чун 2 : 3 нисбат доранд. Ин нисбатро маҳз А. кашф карда буд.

Мавзӯи асосии тадқиқоти математикии А. ҳал кардани масъалаҳои доир ба ёфтани масоҳат ва ҳаҷмҳо буд. Аз ҷумла ӯ масоҳати эллипс ва сегменти параболиро ҳисоб кард; масоҳати конус ва кура, ҳаҷми кура ва сегменти сферавӣ, инчунин ҳаҷми чисмҳои даврзаниро ёфт; хосияти хати каҷеро тадқиқ кард, ки сонитар бо номи спирали Архимед маъмул гардид; суммаи прогрессияи геометрии беинтиҳои дорои махраҷи $^1/_4$-ро кашф кард, ки дар таъриҳи математика нахустин мисоли қаторҳои беинтиҳо аст. А. дар «Псаммит» ном асараш ба ададҳои ҳар қадар калон имконпазир будани ному ишоратгузориро исбот кард. Аксиомаи А. (дарозии порчаи кӯтоҳи ду порчаи нобарабарро чанд маротиба афзуда, дарозии аз порчаи

дароз дарозтар ҳосил кардан мумкин аст) аҳамияти махсус дорад. Ин аксиома мураттабияти архимедӣ ном мафҳумро муайян мекунад, ки дар математикаи муосир мавқеи муҳим дорад. А. адади π-ро хеле дақиқ ҳисоб кард ва ҳудуди носаҳеҳии онро нишон дод: $3\frac{10}{71} < \pi < 3\frac{1}{7}$.

А. дар инкишофи механика низ саҳми бузург гузоштааст. Ӯ дар яке аз асарҳои аввалинаш байни такьяҳои болор тақсимшавии борро тадқиқ кард. Таърифи мафҳуми маркази вазнинии ҷисм ва кашфи ифодаҳои математикии қонуни фашанг низ ба А. тааллуқ дорад. А. асосгузори гидростатика аст (ниг. *Қонуни Архимед*). Ихтироъкори *маҷаниқ*, механизмҳои борбардор, олоти обкашӣ (винти Архимед) ва диг. механизму асбобҳост. А. дар астрономия низ тадқиқот бурдааст. Барои муайян кардани диаметри намоёни (кунҷии) Офтоб асбоберо сохт ва бо ёрии он қимати кунҷи мазкурро хеле саҳеҳ ҳисоб кард. Олоти механикие ихтироъ намуд, ки бо ёрии он ҳаракати сайёраҳо, фазаҳои Моҳ, гирифти Офтоб ва Моҳро мушоҳида кардан мумкин буд.

Бисьёр асарҳои А. ба забони арабӣ тарҷума шуда, ба инкишофи илми мамлакатҳои асримёнагии Шарқ (тадқиқоти Форобӣ, Беруниӣ, Ибни Сино ва диг.) таъсир гузоштааст.

АРХИМИЦЕТҲО (Archimycetes), синфи занбӯруғҳои дарачаи паст, ки бештари онҳо паразити дохилиҳуҷайравии обсабзҳо, занбӯруғҳои обӣ ва растаниҳои гулдор мебошанд. Ниг. низ *Занбӯруғҳо*.

АРХОЗАВРҲО (аз *архи*... ва юн. sáuros — калтакалос), зерсинфи васеи хазандаҳо, ки дар эраи мезозой зиндагӣ мекарданд. *Текодонтҳо, динозаврҳо, птерозаврҳо* ва *тимсоҳҳои* ҳозира ҳам ба А. мансубанд. Баъзе А. бо 2 пой роҳ мегаштанд. А. асосан дарранда ва баъзе намудҳояшон чарранда буданд. А. дар омӯзиши такомули тадричии мӯҳрадорон яке аз ҳайвонҳои муҳимтарин мебошанд. Аз А. паррандаҳо ба вуҷуд омадаанд.

АРЦИМОВИЧ Лев Андреевич (25. 2. 1909, Москва — 1. 3. 1973, Москва), физики советӣ, акад. АФ СССР (1953), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). Ун-ти Минскро хатм кардааст (1928). С-ҳои 1930—44 дар Ин-ти физикӣ-техникӣ ва аз соли 1944 дар Ин-ти энергияи атомии АФ СССР кор кард. Аз с. 1957 аъзои Президиум ва акад.-котиби шӯъбаи физикаи умумӣ ва астрономияи АФ СССР, раиси Комитети миллии физикҳои советӣ буд. Асарҳои А. ба

проблемаҳои физикаи атом, ядрои атом, плазма ва ғ. бахшида шудаанд. Ҳамроҳи А. И. Алиханов ва А. И. Алиханьян дурустии қонуни бақои импульсро дар аннигиляцияи электрон ва позитрон исбот кард (1936). Дар соҳаи оптикаи электронӣ, физикаи электронҳои баланд-энергия, реакцияҳои термоядрӣ дар плазмаи квазистационарии устувор, физикаи плазмаи баландҳарорат дар доираи проблемаи синтези идорашавандаи термоядрӣ ва ғ. комьёбиҳои басо муҳим ба даст овард. Таҳти роҳбарии ӯ доир ба усули электромагнитии ҷудо кардани изотопҳо аввалин дар СССР тадқиқот ба анҷом расонда шуд. Аз с. 1951 роҳбари тадқиқоти *реакцияи термоядрӣ* буд. Аъзои АФ ва Санъати ШМА (1966). Лауреати Мукофоти ленинӣ (1958) ва Мукофоти давлатии СССР (1953). Бо 4 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Управляемые термоядерные реакции. М., 1961.

АРЧА́ (Juniperus), авлоди бутта ё дарахти ҳамешасабзи мансуби *сарвиҳо*. Баргҳояш сӯзаншакл, нештармонанд ва пулакчаи рӯ ба рӯи якдигар ё гирдогирд ҷойгиршуда; микростробилҳояш гардбаргҳои пулакчаи бисьёр доранд; мегастробилҳояш аз гурӯҳи мевабаргҳо иборатанд; меваашон ҷалғӯзаи саққошакл ё тухммонанд буда, бо пулакчаҳои сергӯшти ба ҳамдигар пайваст, ки аз 1 то 10 тухм дорад, пӯшида шудааст. Тақрибан 50 намуди А. дар Нимкураи шимолӣ паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. дар кӯҳҳо дар баландии 1200—3700 м аз с. б. 4 намудаш: маҳинбурс, паттааарча, сарв-арча, хорбурс гурӯҳ-гурӯҳ месабзанд ё арчазорҳоро ба вуҷуд меоваранд.

Маҳинбурс (J. seravschanica), баландиаш 10—13 м; пулакчабарг; ҷалғӯзаи калон, саққошакл, бунафши хиратоб ё сиёҳ, 2—8 дона тухм дорад. Ареали паҳншавиаш кӯҳҳои Помиру Олой ва Тиёншони Ғарбӣ. Дар РСС Тоҷ. дар нишебиҳои қ-кӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Пётри I, Боботоғ, Ғозималик ва Сарсарак (800—2500 м аз с. б.) меруяд. Аз навдаи сабзи маҳинбурс равғани эфир меграванд, ки он дар атриёту собунпазӣ, дар саноати спирту арақ, дар муолиҷаи ҷароҳат чун воситаи дезинфекция ва дар тадқиқоти микроскопӣ бо номи «равғани арча» истифода мешавад. Барг, пӯстлох ва меваи хоми маҳинбурс моддаҳои даббоғӣ ва равғандиҳанда дорад. Чӯби маҳинбурсро дар истеҳсоли қалам истифода мебаранд.

Арча (шохчаи мевадор): 1 — маҳинбурс; 2 — паттааарча; 3 — сарв-арча; 4 — хорбурс.

Паттаарча (J. sibirica), бутта; баргаш хордор, навдааш ғафс, секирра, ҷалғӯзааш саккошакли сиёҳ, 2—3 дона тухм дорад. Паттаарча дар минтақаи альпии к-ҳои Европаи Ғарбӣ, дар к-ҳои Осиёи Хурд ва Миёна, Урал ва Сибирь, Мӯғулистон, Шарқи Дур ва Корея вомехӯрад. Дар шимол то минтақаи арктикӣ, дар баъзе ҷойҳо дар мавзеъҳои баландиашон ба сатҳи баҳр баробар ҳам дучор мешавад. Паттаарча дар к-ҳои Тоҷикистон асосан дар нишебиҳои санглоху даштии кӯҳҳо дар баландии 2500—3700 м аз с. б. дучор мешавад. Дар баъзе мавзеъҳои Помиру Олой (мас., дар Ванҷ ва дар қисми шарқии қ-кӯҳҳои Пётри I) буттазорҳои анбӯҳ ҳосил мекунад. Паттаарча яке аз арчаҳои сармотобовар мебошад.

Савр-арча, саҳеҳаш сарв-арча, (J. semiglobosa), дарахт; баландиаш 10—18 м, шохчаҳояш бештар чун химчаҳои маҷнунбед овезон, пулакчабарг, ҷалғӯзааш нимкураи сиёҳи кабудтоб, 2—3-дона тухм дорад. Дар Помиру Олой, Тиёншони Ғарбӣ ва Марказӣ, берун аз ҳудуди СССР дар қисми ғарбии Қашғар ва аз кӯҳҳои Афғонистони Шимолӣ то қ-кӯҳҳои Ҳиндукуш паҳн шудааст. Савр-арча дар аксари ноҳияҳои Тоҷикистон (аз қ-кӯҳҳои Қурама то к-ҳои Помири Ғарбӣ) вомехӯрад. Чӯби савр-арча хушбӯй, сурхчатоби зиҳтдор аст.

Хорбурс, балхарча (J. turkestanica), дарахти якхонагӣ, баландиаш 10—18 м, баргаш пулакчашакл, навдааш чорқирра, ҷалғӯзааш сиёҳи байзашакл, як дона тухм дорад. Дар к-ҳои Осиёи Миёна, дар тамоми Тиёншон ва Помиру Олой ва берун аз ҳудуди СССР дар Қашғар паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. дар нишебиҳои қ-кӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Қаротегин, Пётри I (2000—3700 м аз с. б.) вомехӯрад. Чӯби хорбурс хушбӯй ва хушнамуд буда, дар наҷҷорӣ ва ғ. истифода мешавад.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, М.-Л., 1957; Коннов А. А., Флора арчевников Шахристана, Д., 1973.
М. И. Исмоилов.

АРЧА́, деҳа дар С. қ. Деҳқонарики р-ни Фархори вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Коммунизм». Аз А. то маркази С. қ. 2 км, то район 20 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1057 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, китобхона, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, дорухона, филиали комб. хизмати маишии район, ҳаммом, магазин, нонвойхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ об мехӯранд.

АРШ (ар. عرش — тахт), 1) нишастгоҳи подшоҳ ҳангоми маросимҳои дарборӣ, ҳукмбарорӣ, муҳокимаю машварат ва қабули сафирон. 2) Мувофиқи таълимоти ислом «нишастгоҳи худо» дар қабати ҳафтуми (баландтарини) осмон, ки онро «арши аъло», «арши раҳил» ё «арши шариф» низ меноманд.

АРША́К, Арсак (с-ҳои ҳукмр. 250—248/247 то м.), асосгузори сулолаи *Ашкониёни* Порт. Дар бораи фаъолияти А. маълумоти сарчашмаҳои таъриҳӣ ва таҳқиқоти илмӣ ниҳоят мухталиф ва ночизанд. Аз рӯи навиштаҷот ва ривоёти ба ҳақиқат наздик А. аз қабилаи парнҳои сокини соҳилҳои д. Ох буда, Портро зери даст намуд ва ҳокими он Андрагонро сарнагун кард ва с. 250 то м. ба сулолаи Ашкониёни Порт асос гузошт.

АРЪА́Р, а р-а р (Populus kanjilaliana), дарахтест росту баланд, аз *бедиҳо*. А.-и худрӯй дар Осиёи Миёна дучор мешавад. Онро аз замонҳои қадим барои муҳофизати киштзору соҳилҳо ва ороиш дар қад-қади роҳ,

Аръар (шохчаи бегул ва гулдор).

наҳру дарьё, ҷӯйҳо, дар боғ, кӯчабоғу гулбоғҳо шинонда, чӯбашро дар сохтмону наҷҷорӣ ва ғ. истифода мебурданд. А. ба замини як қадар шӯр ва ҳавои гармсел тобовар буда, навдаҳои наврустааш аз сармои бармаҳал зарар мебинанд. А.-ро дар аввали баҳор асосан бо қаламча зиёд мекунанд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 3, Л., 1968.

АРЬЕРГА́РД (франс. arriere-garde — ҳифзи ақибгоҳ), отряд, подразделения ё як қисми қӯшун, ки ҳангоми юруш, ҳуҷум ё ақибнишинӣ қувваҳои асосиро аз ақибгоҳи онҳо муҳофизат мекунад. Боздоштани ҳуҷуми душман ва фароҳам овардани шароит барои иваз намудани мавқеи қӯшун яке аз вазифаҳои асосии А. мебошад.

АРҒАМЧИ́Н, банди ғафс, ки аз наҳи пахта, пашм ё симҳои пӯлодин бофта мешавад. Ғафсиаш то 110 мм мерасад. А.-ҳои металлиро аз 3 ва зиёда сими пӯлодӣ, А.-ҳои ғайриметаллиро аз наҳҳои табиию синтетикӣ мебофанд. Барои намбардор шудани А. ба он пешакӣ зиҳт ё омехтаҳои махсус меҷаббонанд.

АРҒА́Ч (Cuscuta lehmanniana), гиёҳи яксолаи паразитӣ, мансуби захрпечакиҳо. А. берешаю барг буда, та-

Арғач (дар шохчаи бутта).

наааш пулакчадор; пояаш нисбатан ғафс, шохронда, сурхи бӯртоб; гулаш бунафш, бедумча ё думчадор аст. Ғӯзаи байзашакли 3—4-тухма дорад. А. дар Осиёи Миёна (аз ҷумла дар РСС Тоҷ.), Эрон ва Афғонистон паҳн шудааст. А. ҳар гуна алаф, бутта ва дарахтонро пахш карда, шираи онҳоро мемакад, ки ин боиси камии ҳосил ва ҳатто хушк шудани онҳо мегардад. А.-ро бо ёрии гербицид, воситаҳои биологӣ ва ғ. нест мекунанд.

Ад.: Комаров Б. М., Определитель растений Северного Таджикистана, Д., 1967.
С. Ю. Юнусов.

АРҒУ́, деҳа дар С. қ. Қалъаи Баланд, р-ни Уротеппаи вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Комсомол». Аз А. то маркази С. қ. 4 км, то район 7 км, роҳ асфальт. Аҳол. 409 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — боғу токдорӣ. Заминҳо аз обанбори Каттасой обьёрӣ мешаванд.

АРҒУВО́Н (Cercis), авлоди дарахт ё буттаҳо, мансуби *лӯбиёиҳо*. 7 намудаш дар Европаи Ҷанубӣ, Осиё ва Америкаи Шимолӣ, 2 намудаш (C. griffithii, C. siliquastrum) дар кӯҳу боғҳои СССР паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. C. griffithii — *шулаш* намуди худрӯи А. буда, C. siliquastrum (ниг. расм) чун намуди ороишӣ маъмул аст. Баргҳои А. дилмонанд ё гурдашакл; гулаш дучинса, гулобӣ ё арғувонии бунафш ва бисьёр зебост. А.-ро аз тухм, бо фарғон ва қаламча месабзонанд. Ранги чӯби А. зард буда, дар наҷҷорӣ ҳам истифода мешавад. Барги А. моддаи даббоғӣ дорад.
А. Ғаниев.

Арғувон: 1—шохчаи гулдор; 2—шохчаи меваДор.

АРҒУМА́К, номи аспҳои қадими хушзоти савории Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик. Асосан дар а-ҳои

2—1 то м. дар Давон (водии Фарғона) парвариш мекарданд.

АРҒУНУН (юн. organon — соз, асбоб), асбоби мусиқии қадимии юнониён, ки механизми мураккаби он аз системаи нойчаҳои овозбарор, насосҳои ҳавоӣ, клавиатураҳо ва дастаҳои регистрӣ иборат буда, забончаҳои (клавишҳои) он аз нойчаҳои чӯбин ва фулузии гуногун ва системаи пневматикӣ иборат аст ва ҳамаи инҳо дар як тана ҷамъ оварда шудааст. А. дар созгоҳи (кафедраи идоравии) худ бар замми клавиатураҳои дастӣ (мануал) ва поӣ (педаль) боз фишангҳои гуногун дорад. А. оддӣ 1—5 (калонтаринаш 7) мануал дорад. Баъзе А.-ҳои имрӯза 2 педаль ва якчанд ҳазор нойчаву забонча доранд ва ҳамаи онҳо ба шӯъбаҳое (регистрҳое) ҷудо мешаванд, ки ҳар яки онҳо аз клавишҳои гуногундиапазони дорои тембри якхела иборат аст. Ин шӯъбаҳо аз 1 то 150 адад мебошанд. А. аз рӯи ҳачми овоз ба оркестри симфонӣ баробар аст. Шакли қадимаи А. гидравлос аст, ки Ктезибия (а. 2 пеш аз м.)-ро мухтареи он ва Искандарияро макони ихтирои он медонанд. Миснёни қадим, юнониён, римиён ва аҳли Византия А.-ро дар мусиқии дуньявӣ истифода мебурдаанд. Дар а. 4 дар Византия А.-и пневматикии мукаммалтареро дар мусиқии обидонаи калисо ва дуньявӣ кор мефармудаанд. А.-ро дар а. 7 аз Византия ба кишв. Европаи Ғарбӣ оварданд ва хоси мусиқии калисоӣ шуд. Дар а-ҳои 14, 16, 18—20 А. хеле такмил ёфта, шаклҳои мухталифи он ба вуҷуд омад.

Дар манбаъҳои хаттии русии а-ҳои 11—12 номи А. зикр ёфта, дар а. 15 дар базмҳои князъҳои Москва навохта шудани он маълум аст. Дар сарчашмаҳои форсию тоҷикии адабию таърихии а-ҳои 9—17 ҳам оид ба А. маълумоти зиёд дода мешавад. Аз ин манбаъҳо маълум мегардад, ки аҷдоди мо А.-ро дар а-ҳои 4—7 менавохтаанд ва шаклҳои гуногуни онро медонистаанд. Аммо ҳама бо як забон Афлотунро ихтироъкори А. шумурда, ин асбобро юнонӣ меғӯянд. Абдуллохи Хоразмӣ (а. 12) аз асбоби тори будани А. ва шакли кадумонанд доштани он, бо пуст пӯшидани косаи он, пардаҳои рӯдаи гӯсфандӣ доштани он хабар медиҳад *Кавкабии Бухорӣ* (а. 15) А.-и даҳониро зикр кардааст. *Дарвешалии Чанг* (а. 17) меғуяд, ки А. сандуқмонанд буда, 200 тор доштааст, онро 40 кас менавозад. А.-и якторан ҳиндӣ ҳам машҳур будааст. А. дар замони ҳозира дар СССР, кишв. Европаи Ғарбӣ ва г. шӯҳрати тамом дорад. Бастакорони зиёде барои он оҳангҳои махсус менависанд. *А. Ҳ.*

АРӮЗ (ар. [illegible] — арз кардан, баён кардан), илми вазни шеър, усули муайян кардани дурустии вазну оҳанги шеър. Дар хусуси маънию

мафҳуми А. ақидаҳои мухталиф баён шудаанд. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» навиштааст, ки «аз баҳри он арӯз хонанд, ки шеърро бар он арз кунанд, то мавзун аз номавзун падид ояд», аммо баъзеи диг. ақида доранд, ки А. аз номи ҷузъи охири мисраи аввали шеър, ки низ «арӯз» меноманд, гирифта шудааст. Асли пайдоиши А. ба ҳаёти мардуми араб пайвастагӣ дорад. Дар бораи вазъи системаи А. низ ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Арабшиносони немис Г. Эвальд (1803—75) ва Р. Вестфаль (1826—92) пайдоиши А.-ро бо сохти шеъри антиқии Юнони Қадим, аммо Ф. Е. Корш (1843—1925), А. Кристенсен (ваф. 1945) бо вазни шеъри забони паҳлавии давраи Сосониён вобаста медонанд. Адабиётшиноси муосири эронӣ Парвези Нотили Хонларӣ гумон дорад, ки арабҳо «дар ихтирои қавоиди арӯз ба усули илми авзони санскрит назар дошта ва қонунҳои арӯзро аз рӯи он сохта ва пардохтаанд». Лекин ҳеҷ яке аз ин фарзияҳо ҳанӯз бо далели илмӣ тасдиқ нашудаанд. Халил ибни Аҳмад дар с. 767 дар асоси комьёбиҳои шеъри араб, ки пеш аз ислом ҳам ривоҷ дошт, қонуну қоидаҳои А.-и арабро кашф кард. А. баъди истилои араб аз оғози шеър ба забони дарии тоҷикӣ (а. 9) то имрӯз вазни асосии шеъри форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Албатта, тамоми вазнҳои шеъри тоҷикӣ аз арабӣ гирифта нашудаанд, баъзе вазнҳо хоси шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, пеш аз пайдоиши А.-и араб дар шеърҳои халқӣ — фаҳлавиёт ва г. вуҷуд доштанд. Шоирон ва арӯзиёни форс-тоҷик А.-ро на ба шакли А.-и арабӣ, балки аз рӯи қонуну хусусиятҳои савтии забони дарии тоҷикӣ ва дар асоси шеърҳои халқӣ вазъ намудаанд, ки ҳоло мо онро «арӯзи форсӣ-тоҷикӣ» меномем. Абулҳасани Ахфаши Балхӣ (ваф. байни 830—833) исбот намуд, ки системаи Халилро, ки хоси шеъри арабист, пурра дар шеъри дарӣ татбиқ намудан дуруст нест. Ӯ ба ҷои системаи Халил дар А. усули нав ихтироъ кард. Пас аз Ахфаш адабиётшиносони а-ҳои 10—11 Юсуфи Арӯзӣ, Абулъалои Шуштарӣ, Баҳроми Сарахсӣ, Бузурҷмеҳр ва диг. вобаста ба хусусиятҳои забони дарӣ қоидаҳои наве кашф карда бошанд ҳам, дар бораи чигунагии ин кашфиёт ба ҷуз баъзе нуктаҳое, ки ба туфайли баҳси Шамси Қайс дар «Ал-мӯъҷам» ба мо маълум аст, чизе боқӣ намондааст.

Донишмандони илми арӯз баҳрҳои солим (асли)-ро ба муносибати ҳамнавъ будани аҷзои таркибии баъзеи онҳо ва дар асоси баробар будани адади унсурҳои ҳамнавъи онҳо ба доираҳо таксим кардаанд. Фикру ақоиди арӯзиён дар хусуси адад ва номи доираҳо ва баҳрҳое, ки дар атрофи онҳо ҷой дода шудаанд, мухталифанд (нег. *Доираҳои арӯз*).

А. дар асоси 8 рукни солим: фаӯлун, фоилун, мафоилун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, мафоилатун ва мутафоилун сохта шудааст. Буньёди А.-и форсӣ-тоҷикӣ бо се роҳ анҷом ёфтааст: якум — ба қолибҳои А. дохил намудани баъзе вазнҳои хоси форсӣ-тоҷикӣ, ки дар ашъори халқӣ вуҷуд доштанд; дуюм — тағйири талаффузи баъзе калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ аз рӯи тақозои А. (мас.: бинишин — биншин, натавон — натвон ва г.); сеюм — даровардани тағйирот ба А.-и араб: а) аз 16 *баҳри* аслии арабӣ арӯзиёни форс-тоҷик 5 баҳр (тавил, мадид, басит, вофир, комил)-ро партофта, баҳрҳои ҷадид, қариб ва мушокилро, ки дар А.-и араб набуд, ба он ҳамроҳ карда, 14 баҳрро барои шеъри форсӣ-тоҷикӣ мувофиқ донистанд, ки инҳо иборатанд аз: ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб, мутадорик, қариб, музореъ, мушокил, ҷадид, хафиф, муҷтас, сареъ, мунсареҳ, муқтазаб; б) тағйири баъзе баҳрҳои арабӣ; в) тағйири баъзе зиҳофоти арабӣ ва илова намудани зиҳофоти нав ва г. Вобаста ба таъриҳи инкишофи шеъри форсӣ-тоҷикӣ А. чанд марҳилаи таҳаввулу такомули хосро аз сар гузаронидааст: 1) нимаи дуюми а. 9 — оғози А. дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ; 2) а-ҳои 10—11 — мавқеи А. дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ бештар гардид, вале дар ин давра ҳам баъзе вазнҳои номатлуб дар истеъмол буданд, ки баъдтар аз доираи истифодаи шеъри форсӣ-тоҷикӣ баромадаанд; 3) аз а. 12 то замони ҳозира. Дар ин марҳала шеър чи аз ҷиҳати маъниӣ ва чи аз ҷиҳати сохт хеле такомул ёфт. Забони адабии тоҷик ривоҷ ёфта, вазни шеър низ бо хусусиятҳои лафзии он мувофиқат пайдо карда, торафт табиитару дилнишинтар шуд. Қонун ва усулҳои А. такмил ёфта, вазнҳои нав кашф гардидаанд.

Шеъри арӯзӣ ё ки усули арӯзӣ дар шеър бар ҳиҷо асос ёфтааст. Дар ҳиҷоҳои забони тоҷикӣ овозҳои садонок мавқеи хос доранд. Вобаста ба садонокҳо ва мавқеи онҳо ҳиҷоҳо ба кӯтоҳ ва дароз таксим мешаванд. Ҳиҷоҳои **ба, би, бу** кӯтоҳанд, вале **бо, би, бӯ, сар, пур, мис** дароз мебошанд. Дар А. ҳиҷоҳоро бо аломатҳои шартӣ (дарозро бо — ва кӯтоҳро бо V) ишорат мекунанд. Мас., калимаи «рама» аз ду ҳиҷо (ра+ма) иборат буда, ҳар ду ҳиҷои кӯтоҳанд (V V). Калимаи «Норак» низ аз ду ҳиҷо (но+рак) иборат буда, ҳар ду ҳиҷои дароз (— —) мебошанд. Ё ки дар калимаи «бунафша» ҳиҷои якум ва сеюм кӯтоҳ, ҳиҷои дуюм дароз аст (V — V). Ҳиҷоҳои типи «кор», «ҷанд», «дуст» ва г. дар шеъри арӯзӣ ба воситаи кашиши ҳарфи охир ба як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ таксим мешаванд: ко + р (— V), ҷан + д (— V), дӯс + т (— V). Агар ин гуна ҳиҷоҳо дар

аввал ва мобайни мисраъ оянд, якуним ҳиҷо, яъне ба шакли — V нишон дода мешаванд, вале дар охири мисраъ як ҳиҷои дароз ба ҳисоб рафта, бо аломати мад (~) ишорат мешаванд. Дар ҳиҷоҳое, ки ҳамсадои «н» пас аз садонокҳои дароз омада бошад («дон», «ҷон» ва ғ.), дар аввал, байн ва охири мисраъ оянд ҳам, ҳиҷои дарозро ташкил медиҳанд. Дар вақти ба ҳиҷоҳо тақсим кардани калимаҳо садонокҳои **а, у, и** ба мавқеи талаффуз нигоҳ карда, гоҳ кӯтоҳ ва гоҳ дароз мешаванд.

Дар А. чун шеъри ҳиҷоӣ адади ҳиҷо дар байт ба якдигар баробар аст. Вале фарқ дар он аст, ки дар А. танҳо шумораи ҳиҷоҳо не, балки дарозию кӯтоҳии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Яъне ҳиҷоҳои дарози мисраи якум бояд муқобили ҳиҷоҳои дарози мисраи дуюм ва кӯтоҳ муқобили кӯтоҳ қарор гиранд. Мас., дар ин байти Низомӣ:

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар коре бувад, гулдаста гардад.

таносуби ҳиҷоҳо чунин аст:

Ба ҳар ко-ре ки ҳим-мат бас-та гар-дад,
А-гар ко-ре бу-вад гул-дас-та гар-дад.

Ҳар мисраъ 11-то ҳиҷо дорад, ки аломати шартиашон ин аст:

V — — — / V — — — / V — —
V — — — / V — — — / V — —

Мисоли диг.

Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Таносуби ҳиҷоҳо чунин аст:

Ҳеч ган-ҷе нест аз фар-ҳанг беҳ,
То та-во-нӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Мисраи якум 8 ҳиҷо ва дуюм 9 ҳиҷо дорад, вале ҳиҷоҳои «ҳеч» «нест», «ҳанг»-и мисраи якум ва «рӯй», «ганҷ»-и мисраи дуюм ҳангоми хондан ба воситаи кашиши овоз ба ду ҳиҷои мустақили яке дарозу дигаре кӯтоҳ (—V) ҷудо шуда, миқдори умумии ҳиҷоҳои ҳар ду мисраъ ба 11 мерасад, ки аломаташ ин аст:

— V — — / — V — — / — V —
— V — — / — V — — / — V —

Дар байти:

Қалаи гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.

Ҳиҷоҳои «ки» ва «ҳи» аз рӯи қоида ҳиҷои кӯтоҳанд. Лекин талаффузи «и»-и ҳиҷои «ки» аз талаффузи «и»-и ҳиҷои «ҳи» фарқ дорад. Задаи мантиқӣ ҳиҷои кӯтоҳи «ҳи»-ро ба ҳиҷои дароз («ҳӣ») табдил додааст. Аломати шартии ҳиҷоҳои байт ин аст:

V — — — / V — — — / V — —
V — — — / V — — — / V — —

Шеър аз байт ва байт аз мисраъҳо иборат буда, ҳар мисраъ ба порчаҳои тараннумӣ ҷудо мешавад, ки ин гуна порчаҳоро дар А. **рукн** меноманд. Рукнҳо аз 1 то 5 ҳиҷоро дарбар мегиранд. Рукнҳои шеър бо хати моил (/) аз якдигар ҷудо карда мешаванд. Ин амал, яъне ба рукнҳо ҷудо карданро **тақтеъ** меноманд. Агар тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар рукнҳо тағйир ёбад, оҳанги шеър дигар шуда, вазнҳои нав пайдо мегарданд.

Арӯзиёни пешин барои андозаи рукнҳои шеър аз шаклҳои мухталифи калимаи «фаъала» қолибҳои лафзӣ ё формулаҳои шартие сохтаанд, ки онҳоро «афоилу тафоил» ҳам меноманд. Худи ин қолибҳо ё формулаҳо маъноии мустақиле надоранд. Мас., дар байти зерини Ҳофиз:

Дарахти дӯ /стӣ биншон/ ки коми
дил /ба бор орад
Ниҳоли душ /манӣ баркан/ ки ранҷи
бе /шумор орад:

тамоми 8 рукн бо формулаи «мафоилун» баробар ва ҳамвазн аст, ки агар ба ҳиҷоҳо тақсим кунем, чунин мешавад:

Да-рах-ти дӯ/с-тӣ бин-шон/ки ко-ми-
дил/ ба-бо-ро-рад
Ни-ҳо-ли душ/ма-нӣ бар-кан/ки ран-ҷи
бе/шу-мо-ро-рад
Ма-фо-ӣ-лун/ма-фо-ӣ-лун/ма-фо-ӣ-
лун/ма-фо-ӣ-лун
V — — — /V — — — /V — — — /V — — —

Навъҳои гуногуни вазн, ки дар натиҷаи иваз шудани ҷои ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ҳосил мешаванд, **баҳр**ном дорад. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ 14 баҳр ба кор бурда мешавад. Ин баҳрҳо аз ҷиҳати таркиби аркон (рукнҳо) ба ду гурӯҳ: аслӣ ва фаръӣ ҷудо мешаванд. Баҳрҳои аслӣ рукни махсус доранд, ки паси ҳам, бе тағйир такрор меёбанд. Чунончи:

мафоилун /мафоилун/мафоилун
V — — — / V — — — / V — — —

Баҳрҳои аслӣ 5-тоанд:

1. Ҳазаҷ, рукнаш мафоилун, аломаташ V — — —;
2. Рамал, рукнаш фоилотун, аломаташ — V — —;
3. Раҷаз, рукнаш мустафъилун, аломаташ — — V —;
4. Мутақориб, рукнаш фаӯлун, аломаташ V — —;
5. Мутадорик, рукнаш фоилун, аломаташ — V —

Агар аркони ин 5 баҳр дар як байт ҳашт бор бе тағйир такрор шаванд, мусаммани солим, шаш бор такрор шаванд, мусаддаси солим, чор бор такрор шаванд, мураббаи солим меноманд.

Баҳрҳои фаръӣ, ки 9-тоанд, рукни махсус надоранд ва дар асоси тағйир додани мавқеи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи чор рукни солим: 1) Мафоилун (V — — —); 2) Фоилотун (— V — —); 3) Мустафъилун (— —V—); 4) Мафъӯлоту (— — —V) сохта мешаванд. Аз омезиши рукни якум ва дуюм баҳри ҷариб, музореъ ва мушокил, аз омезиши дуюму сеюм баҳри ҷадид, хафиф ва муҷтас, аз сеюм ва чорум сареъ, мунсареҳ ва муқтазаб ҳосил мешавад. Аркони баҳрҳои фаръӣ ин аст:

1. Ҷариб: мафоилун/мафоилун/фоилотун (V— — —/V— — — / — V — —).
2. Музореъ: мафоилун/фоилотун/мафоилун/фоилотун (V — — —/—V — —/V — — —/— V — —).
3. Мушокил: фоилотун /мафоилун/мафоилун (— V — — / V — — — / V — — —).
4. Ҷадид: фоилотун/фоилотун/мустафъилун (— V — — / — V — — / — — V —).
5. Хафиф: фоилотун/мустафъилун/фоилотун (—V— —/— —V—/—V— —).
6. Муҷтас: мустафъилун/фоилотун/мустафъилун/фоилатун (— — V — / — V — — / — — V — / — V — —).
7. Сареъ: мустафъилун/мустафъилун/мафъӯлоту (— — V — / — —V—/ — — — V).
8. Мунсареҳ: мустафъилун/мафъӯлоту / мустафъилун / мафъӯлоту (— —V— /— — — —V/ — —V—/ — — —V).
9. Муқтазаб: мафъӯлоту / мустафъилун/мафъӯлоту/мустафъилун. (— — — V/— — V—/ — — — V/ — —V—).

Дар шакли солими рукнҳои мазкур шеъре гуфта нашудааст.

Таркиби рукни баҳрҳои аслӣ ва фаръӣ ҳамеша дар як шакл, бетағйир нахоҳад монд: дар натиҷаи каму зиёд кардани ҳиҷову ҳарфҳо ё дигар шудани мавқеи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ таркиби рукнҳо тағйир ёфта, вазнҳои нави шеър ҳосил мешаванд. Мас., байти зерин дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси солим гуфта шудааст ва рукни асосии он дар мисраъҳо бе тағйир такрор шуда омадаст:

Мафой-лун	мафоилун	мафоилун
Ҷаҳоно аҳ Наёрӣ ёд	д бо ман к-аз аз он пай-мон	чунин бастӣ ки кардастӣ

Аммо, агар аз рукни охирин ду ҳарфи охир, яъне «ун» кам карда шавад, мафоил боқӣ монда, вазни диг. ҳосил мешавад; мас.:

Мафоилун	мафоилун	мафоил
Ба шодӣ до Ки бифзояд	р дилро то зи шодӣ зин	тавонӣ дагонӣ

Аз рукни асосии баҳри рамал (фоилотун) ва баҳри мутақориб (фаӯлун) ду ҳарфи охир партофта шавад, тағйироти зерин ҳосил мешавад: фоилотун — фоилот (фоилон); фаӯлун — фаӯл ва ғ. Ин гуна тағйири рукни аслиро **зиҳоф** (ар. ба нишон нарасидани тир, аз асл дур рафтан) меноманд. Дар мисолҳои боло мафоил зиҳофи мафоилун, фоилот зиҳофи фоилотун, фаӯл зиҳофи фаӯлун мебошад. Дар натиҷаи тағйироти рукнҳои аслии баҳрҳо чандин зиҳофҳо ба вуҷуд меоянд, ки баъзе аз онҳо байни баҳрҳо муштарак, аммо баъзеашон ба ягон баҳр мансубанд. Ҳар як вазни наве, ки дар натиҷаи тағйири рукнҳои ягон баҳр ба вуҷуд меояд, бо номи ҳамон баҳр хонда мешавад:

Мисол барои баҳри сареъи мусаддаси матвии мақсур ё мавқуф:

Вакти зару	рат чу намо	над гурез
Даст биги	рад сари шам	шери тез
Муфтаилун	муфтаилун	фоилун
— V V —	— V V —	— V —

(Саъдӣ)

Мисол барои баҳри рамали мусаддаси маҳзуф:

Чони ширин	ин қадар чан	гам макун
Ин қадар бе	худа дилтан	гам макун
Фоилотун	фоилотун	фоилун
— V — —	— V — —	— V —

(Турсунзода).

Ад.: Бахром Сирус, Арӯзи тоҷикӣ, Д., 1964; Абдуҷабборов Т. Шукуров М., Ҳодизода Р., Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ, Д., 1966; Зеҳнӣ Т., Санъати сухан, Д., 1967; عروض سیفی، کابکته، ۱۸۶۷. پرویز ناتل خانلری، تحقیق انتقادی در عروض فارسی، تهران، ۱۳۲۸ ه. ش.

Ш. Ҳусейнзода.

«АРӮЗИ ҲУМОЮН» عروض همایون рисолаест дар боби арӯз ва қофия, ки Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ дар а. 15 таълиф кардааст. Рисола аслан «Мизон-ул-авзон» ном дорад, вале Муҳаммад Ҳасани Адиби Ҳиравӣ (Теҳрон, 1959) саҳван онро бо иловаи унвони «А. Ҳ.» ба табъ расонида, мухтасари «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ пиндоштааст. Китоб аз ду боб (асл): арӯз ва қофия иборат аст. Агарчи Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ дар таълифи рисолаи худ аз «Ал-мӯъҷам» истифода бурдааст, вале онро мухтасари маҳз асари Шамси Қайс номидан дуруст нест (чунон ки Адиби Ҳиравӣ гумон кардааст). Дар таълифи «А. Ҳ.» «Меъёрул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ низ таъсир дорад. Муаллифи «А. Ҳ.» баъзан гуфтаҳои Шамси Қайсро таҳриф карда, ба моҳияти иҷтимоӣ ва таъсири нафсонии адабиёт сарфаҳм нарафтааст.

А. Сатторов.

АРӮСАК, ниг. *Зоча.*

АРӮСБИЕРӮН, арӯсбарон, маросими ба хонаи домод бурдани арӯс. Қофилаи арӯсбарон бо раҳсу суруд ба хонаи домод равон мешавад. Ба тамошои А. тамоми аҳли деха ё маҳалла мебарояд. Дар гузашта арӯсро аспсавор мебурданд. Ӯро ба асп бародар ё тагояш савор мекард ва яке аз инҳо сарчилав (чилавдор) мешуд. Ҳамин ки ба манзили домод мерасиданд, гулхан афрӯхта, дар гирдаш арӯсро давр мезанонданд. Дар баъзе маҳалҳо ин амалро падар, хола ё амаи домод ичро мекард. Домод ба сарчилав хизматона (чома ва ё пул) дода, арӯсро аз рӯи зин мебардошт ва ба арӯсхона медаровард. Дар хонаи домод кудохоро бо таоми шаби никоҳ — ширбиринч, палав ё кичирӣ зиёфат мекарданд. Дар замони мо А. бо тантанаву сурур мегузарад. Арӯс бо мошинҳои ороста шуда хамроҳи домод ва дугонаҳояш ба тӯйхона меояд. Дар мавриди А. хондани сурудҳои тӯёнаи «Ёр-ёр», «Наҳш» (дар районҳои шим Тоҷикистон) ва «Тӯй муборак бод, арӯс саломат бод» (дар районҳои ҷанубӣ) маълум ва машҳур аст.

Ф. Зеҳниева.

АРӮСТАЛАБОН, яке аз маросимҳои тӯи арӯсӣ, ки баъди чанд вакти тӯй мегузаронанд. А.-ро дар Ленинободу Самарқанд «келинталабон», дар Бухоро «хонаталабон» ва дар вил. Кӯлоб «ҳафтаталабон» меноманд. А. маросими махсуси занона. Асосан хешовандони наздиктарини домод ва арӯс (хоҳару бародар, таго, хола, амма ва ғ.) А. мекунанд. Даъватшудагон ба хонаи мизбон рафта, зиёфат меҳӯранд, хурсандӣ намуда, дар ҳаққи арӯс орзуҳои нек мегӯянд. Маъракa бо тақдими инъомҳо ба арӯс ба охир мерасад.

Ф. Зеҳниева.

АРҶАНА ارجنه, 1) номи парда, навои мусиқӣ, ки дар давраи Сосониён хеле маъмул будааст. 2) суруд, таронаи маросимии баҳор, ки Борбади Марвӣ эҷод намудааст. Ном ва тавсифи А. дар адабиёти бадеӣ бисьёр омадааст.

А. Раҷабов.

АРҶОСП ارجاسپ (дар Авесто Ариҷатаспа, яъне дорандаи аспи арзанда), яке аз персонажҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсист, ки пас аз Афросиёб бузургтарин подшоҳи достонии Тӯрон тасвир шудааст. Ҷанги Арҷосп бо Гуштоспу Исфандиёр дар *«Ёдгори Зарирон»* низ тасвир ёфтааст. Мувофиқи тасвири Фирдавсӣ А. дар замони Гуштосп пас аз зуҳури Зардушт ба Эрон борҳо лашкар кашида, Лӯҳросп (падари Гуштосп)-ро кушт ва оқибат ба дасти Исфандиёр (писари Гуштосп) асир гардида, ба дор кашида шуд. Хонадони шоҳии Тӯрон бо А. ба поён мерасад.

А. Акрамов.

АСАБ, ниг. *Системаи асаб.*

АСАД (ар. اسد — шер), 1) бурҷи панҷум аз *бурҷҳои дувоздаҳгона.* Аломаташ ♌. Аз рӯи чаҳор ситораи дурахшонаш α, β, γ, δ, ки трапецияеро ташкил медиҳанд, дар гунбази фалак ба осонӣ ёфтан мумкин аст. Мунирҳарин ситорааш Ричл (ситораи зангортоб, қадри ситорагиаш 1, 3). Зимистону баҳорон дар арзҳои миёна дар қисми ҷанубии осмон намоён мебошад; 2) моҳи панҷуми солшумории мамлакатҳои машриқзамин, ки ба 23 июль — 22 авг. тақвими григорӣ рост меояд.

АСАДӢИ ТӮСӢ اسدی طوسی Абӯмансур Алӣ ибни Аҳмад (таҳр. 1005—1010, Тӯс — 1073), шоир ва олими форс-тоҷик. Адабиёти қадими Эрон, ҷуғрофия ва таърихро хуб медонист. С.-хои 1065—66 дар Нахҷувон достони «Гаршоспнома»-ро, ки аз 145 боб ва кариб 9000 байт иборат аст, навишта ба итмом расонид. «Гаршоспнома» дар пайравии «Шоҳнома» таълиф ва мазмунаш аз фолклори пеш аз ислом гирифта шудааст. А. Т. «Лугати форс»-ро, ки фарҳанги тафсирии забони адабии форсӣ-тоҷикист, навишта барои исботи маъноҳои калимаҳо аз эҷодиёти Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Лабибӣ ва ғ. (шоирони а-хои 10—11) мисол оварда аст. Ба василаи ҳамин китоб номи баъзе шоирони ин давр, порчаҳои достонҳои «Калилаву Димна» ва «Синдбоднома»-и Рӯдакӣ то замони мо расидаанд. А. Т. асосгузори жанри мунозира ҳисоб меёбад. Аз ӯ «Мунозираи рӯзу шаб», «Мунозираи камону найза», «Мунозираи осмону замин», «Мунозираи ҷабру муслим», «Мунозираи арабу аҷам» барин қасидаҳо боқӣ мондаанд, ки дар асоси санъати саволу ҷавоб навишта шудаанд. Ин жанр бо таъсири адабиёти форс-тоҷик дар адабиёти халқҳои туркизабон низ пайдо шуда инкишоф ёфт. А. Т. хаттоти хуб низ будааст. «Китоб-ул-абния» ном асари дорушиносиӣ Абӯмансур Муваффақи Ҳиротиро китобат кардааст (1056), ки он дар китобхонаи Вена маҳфуз аст.

Ас.: گرشاسپ نامه، تهران، ۱۳۱۷ ه. ش.

Ад.: Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960.

А. Афсаҳзод.

АСАДУЛЛОҲИ ШЕРОЗӢ اسدالله شیرازی (с. тав. номаълум — ваф. 1851), аз хушнависони машҳури а. 19. Муҳаммадшоҳи Қоҷор ба ӯ лақаби «Котибуссултон» дода буд. А. Ш. хатро бештар бо рангҳои гуногун менавиштааст. Аз навиштаҳои ӯ намунаҳои зиёде боқӣ мондаанд, ки нусхаи «Мантиқ-ут-тайр»-и Шайх Аттор (китобат 1838) аз ҷумлаи онҳост.

М. Муллоаҳмадов.

АСАДӢ, навъи харбузаи миёнсолӣ. Бештар дар вил. Ленинобод, водии Вахш ва инчунин вил-ҳои Андиҷону Тошкент ва водии Фарғонаи РСС Узб. паҳн шудааст. Баъди 80—85 рӯзи кишт меҳосилаш тухмшакл, дарозиаш 25—27 см, вазнаш то 4—7 кг. Пӯсташ камтӯри зард,

магзаш сафеди нахдор, ғафсиаш 5—5,5 см, сершира, то 10% қанд ва тамъи ношпути дорад. Аз ҳар га 270—293 ц ҳосил медиҳад. Аз чиҳати хуштамъи дар байни навъҳои миёнаҳазиҳ харбуза дар ҷаҳон ҷои аввалро мегирад.

АСАЛ, маҳсули *занбӯри асал*, ки аз шаҳд (нектар) ва ғарди гули растанӣ ҳосил мешавад. А. ғизои хушҳазм

буда, аз намакҳои минералӣ, микроэлементҳо, кислотаҳои органикӣ, витаминҳои В, А, Е, К, С ва ферментҳо бой аст. 15—20%-и А.-ро об ва 80—85%-ашро моддаҳои хушк (қариб 75% қанд) ташкил мекунад. Нигоҳ доштани А.-и обаш аз 20% зиёд мувофиқи мақсад нест. Вазни хоси А. 1,416 буда, 1 кг-и он 3200 калория энергия медиҳад. Ранг, бӯй ва мазаи А. ба фасли сол, хели гул ва шароити маҳал вобаста аст. А.-и гули растаниҳои кӯҳ ва биёбони Тоҷикистон сифати баланд дорад. А.-ро аз замонҳои қадим ба нияти шифо истеъмол мекарданд. Абӯалӣ Сино дар «Ал-қонун» А.-ро давои васеъ ва тозакунандаи рагҳо, берункунандаи фасоди узвҳои дохилӣ, пешгирикунандаи хирагии чашм ва давои дарди гулӯ медонист. Ҳоло А.-ро барои муолиҷаи зиёда аз 100 хели касалӣ истифода мебаранд. А. мубодилаи моддаро ба тартиб меандозад, сулфа, касалиҳои меъдаву рӯда, дил, ҷигар ва ғ.-ро шифо мебахшад.

Ю. М. Зиёдов.

АСАЛКАША́К, мошини асалкашӣ. С. 1865 занбӯрпарвари чех Грушка ихтироъ кардааст. А. аз бак, ротори барабанӣ ва дастак иборат аст. Дар натиҷаи даврзании ротор асал аз

шонҳо пош хӯрда, дар зери бак ҷамъ мешавад. Дар хоҷагиҳои занбӯри асалпарварии республика бештар А.-и «Колхозница»-ро истифода мебаранд.

АСБАРА́, ниг. *Исфара.*

АСБЕ́СТ (юн. ásbestos — вайронношаванда), номи умумии минералҳои ғоздори гурӯҳи *серпентин* (хризотил-асбест) ва гурӯҳи *амфиболҳо* (амфибол-асбест). А. ба осонӣ ғоз медиҳад. Дарозии ғозаш аз якчанд мм то 50 мм расида, мисли абрешим ҷило медиҳад; дар оташ намесӯзад, гармӣ ва ҷараёни электрро бад мегузаронад, ба кислотаю ишқор тобовар аст. Конҳои хризотил-асбест дар натиҷаи ба ҷинсҳои ультраасосии аз магнезий бой таъсир расонидани маҳлулҳои гидротермалӣ ба вуҷуд меоянд. Ин гуна конҳо дар Урал, Қазоқистон, Сибирь мавҷуданд. Конҳои амфибол-асбест бо ҷинсҳои метаморфӣ алоқаманданд (дар Урал). Солҳои охир маснуоти дар асоси А. истеҳсолшаванда аз 2000 номгӯй бештар аст. Аз хризотил-асбест ҳаргуна матою либосҳои оташтобовар, коғазу картонҳои асбестӣ, қубурҳои асбоцементӣ, асбошифер, маснуоти термоизоляционӣ ва ғ. тайёр мекунанд. Амфибол-асбест ба таъсири кислотаю ишқор тобовар буда, дар саноати химия ба кор бурда мешавад. Конҳои А.-и Урал ва Саян манбаи асосии истеҳсоли он ба шумор мераванд. Дар Тоҷикистон кони А. дар қ-кӯҳи Дарвоз мавҷуд аст. А. ичунин дар қ-кӯҳҳои Қурама, Зарафшон низ вомехӯрад.

АСБЕСТОЦЕМЕ́НТ, масолеҳи бинокорӣ, ки аз омехтаи обии *цемент* ва *асбест* ҳосил карда мешавад. Ба 100 ҳисса (аз рӯи масса) портландцементи тамгаи 500 аз 12 то 20 ҳисса асбести одатан пастсифат илова мекунанд. Азбаски нахҳои асбест хусусияти мазбуткунӣ дорад, А. то сахт шудани цемент ҳам ба қадри кофӣ мустаҳкам ва пластик аст. Ин имконият медиҳад, ки аз варақаҳои А.-и ғафсиаш 5—10 мм маснуоти гуногун тайёр карда шавад. Баъди сахт шудан А. дорои хусусиятҳои аълои физикию механикӣ (мустаҳкам, бадошт, сармо ва гармотобовар, обногузар, аз ҷиҳати химиявӣ устувор ва ғ.) мегардад. Зичиаш 1550—1950 кг/м³. Хусусиятҳои номатлуби А.— мӯртӣ ва деформацияпазирӣ (ҳангоми тағьири намӣ)-ро баъди гидрофобизация бартараф кардан мумкин аст.

АСБО́Б, 1) номи умумии ҷиҳозе, ки барои чен кардан, назорати истеҳсолот, ҳимояи иншоот, идораи мошину дастгоҳ, танзими процессҳои технологӣ, ҳисобкунӣ ва ғ. истифода мешавад; 2) олати гуногуни махсусе, ки дар дастгоҳу мошинҳо, воситаҳои нақлиёт ва ғ. барои ичрои ягон вазифаи мустақил шинонда мешавад (мас., А.-и нишонгирии тӯп); 3) лавозимоте барои ичрои ягон амал (мас., А.-и рӯзгор, А.-и хатнависӣ); 4) воситаҳои аёнии таълим (мас., А.-и физикӣ, А.-и биологӣ, А.-и химиявӣ).

АСБО́Б, деҳа дар С. қ. Работи р-ни Регари РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Ленин. Аз А. то маркази район 10 км, то р. о. Душанбе—Тирмиз 7 км. Аҳол 857 наф. (1976), ӯзбекҳо ва тоҷикон. Мактаби 8-сола, клуб, китобхона, магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ— ғалла ва пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Ширкент обьёрӣ мешаванд.

АСБО́БИ ИОНӢ, асбоби газоразрядӣ, асбоби электровакуумӣ, ки дар асоси истифодаи навъҳои гуногучи *разряди электрикӣ дар газҳо* (газҳои инертӣ, гидроген) ё дар буғҳои металл сохта шудааст. Намунаи соддатарини А. и. диод мебошад, ки шишаи он бо гази инертӣ ё буғи симоб пур аст. Хусусиятҳои А. и. бо таъсири мутақобили сели электронҳо ва атому молекулаҳои муҳити газӣ ва майдони электрикии байни аноду термокатод (ё катоди сард) муайян карда мешавад. Электронҳо ҳангоми аз катод сӯи анод рафтан атому молекулаҳои газро *ионизация* мекунанд; дар фазои байни электродҳои А. и. ионҳои мусбат ва электронҳои нав пайдо мешаванд. Азбаски ионҳои мусбат заряди фазоии электронҳоро компенсация мекунанд, ҳангоми дар А. и. хурд будани фарқи потенциалҳои байни электродҳо ҳам қувваи ҷараёни зиёд ҳосил кардан мумкин аст; инро дар дигар асбобҳои электровакуумӣ ба даст овардан имконнопазир аст. Барои идора кардани лаҳзаи пайдоиши разряд дар А. и. электродҳои иловагӣ (тӯр, анодҳои фаръӣ ва ғ.) мешинонанд. Зиёда аз 50 класси асбобҳои ионӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо ин ё он хусусияти разряди электрикӣ истифода мешавад.

АСБО́БИ ЧЕНКУНАНДА́И РАҚАМӢ, асбобе, ки дар он бузургии ченшаванда (шиддат, ҷараён, муқовимат ва ғ.) аввал ба коди муайян табдил дода шуда, баъд эквиваленти рақамии он дар шакли сигнали рақамӣ дар индикатори махсус инъикос меёбад. Амперметр, вольтметр, омметр, басомадсанҷ, фазаметрҳои рақамӣ истеҳсол мешаванд. Дар А. ч. р.-и электромеханикӣ элементҳои контактии дараҷаи саҳеҳии ченкуниашон баланд (хатои ченкунӣ 0,01—0,1%), дар А. ч. р.-и электронӣ элементҳои беконтакти ғайриинерционӣ (хатои ченкунӣ 0,1—0,5%) истифода мешаванд. А. ч. р. барои ҳисобу сабти натиҷаҳои ченкунӣ хеле қулай буда, саҳеҳии баланд дорад; онро якҷоя бо олоти автоматии ҳисоб кор фармудан имконпазир аст.

АСБО́БИ ЧЕНКУНАНДА́И ХУДНАВИ́С, асбоби ченкунандае, ки нишондоди худро дар шакли диаграмма сабт мекунад. А. ч. х. барои сабти як ё чанд бузургии физикӣ (шиддат, ҷараён, муқовимат, ҳарорат, масриф ва ғ.) вобаста ба вақт ё диг. бузургиҳои физикӣ истифода мешавад. Асбоби ченкунандае, ки ба қисми мутаҳаррики он ҷузвҳои худнавис, мас., перо, қалам, найчаи капиллярӣ ва ғ. васл карда шуда, дар рӯи навори коғазӣ из мегузорад, оддитарин А. ч. х. мебошад. Барои дар як вақт қайд кардани чанд бузургии тағьирьёбанда А. ч. х.-ро бо адади зарурии элементҳои сабткунанда меҷиҳозонанд. Диаграммаи ҳосилшуда дар ин сурат ду параметрро нишон медиҳад: қимати бузургиҳои ченшаванда ва тағьири онҳо вобаста ба вақт. Инкишофи методҳои рақамии ченкунӣ ва татбиқи ҳисобмошинҳои электронӣ техникаи ҳисобу китоби натиҷаҳо тачрибаро хеле пеш бурд. Солҳои охир А. ч. х.-ҳое сохта шуд, ки бузургиҳои электрикӣ ва ғайриэлектрикиро дар шакли рақамҳо зо-



Асбоби ченкунандаи худнавис.

ҳир менамоянд. Ин навъи сабти ахбор имкон медиҳад, ки тағьири як бузургӣ бо мурури тағьир ёфтани бузургиҳои диг. дар ҳар фосилаи вақти гузашта дониста шавад, рафти процессҳои технологӣ назорат карда шавад ва ғ.

АСБОБИ ЭЛЕКТРОВАКУУМӢ, асбоби электротехникие, ки барои кори он вакууми баланд ё атмосфераи иборат аз ягон газ (дар фишори муайян) истифода мешавад. Се навъи А. э.: беразряд, электронӣ ва газоразрядӣ вуҷуд дорад. Дар натиҷаи *вакуум* катоди А. э. оксид намешавад, инчунин дар он электронҳо ба самти муайян бе монеа ҳаракат мекунанд. Бо гази инертӣ пур кардани баллони лампа дараҷаи «буғшавӣ»-и катод (мас., мӯяки лампаи тафсиш)-ро кам карда, барои баланд шудани ҳарорати он шароит фароҳам меоварад. Дар росткунакҳои симобӣ, мас., ба сифати ин гуна газ буғҳои симобро ба кор мебаранд. *Лампаи электронӣ, карнаи электронишуой, карнаи рентгенӣ*, тиратрону газотронҳо ва ғ. ба асбобҳои электровакуумӣ мансубанд.

АСБОБИ ЭЛЕКТРОНӢ, як навъи *асбоби электровакуумӣ*, ки дар асоси ҳаракати электронҳо дар вакуум кор мекунад. *Лампаи электронӣ, карнаи электронишуой, фотоэлемент* ва *карнаи рентгенӣ* аз ҳамин ҷумла аст.

АСБОБУ АФЗОРИ АСТРОНОМӢ, ҷиҳозест барои мушоҳидаҳои астрономӣ, кор карда баромадан ва ҳисобу китоби натиҷаи онҳо. А. а. а.-ро ба афзори мушоҳидавӣ (телескопҳо), аппаратураи рӯшноиҳир ва таҳлилкунанда, асбобҳои фаръии мушоҳидавӣ, асбобҳои вақтсанҷӣ, асбобҳои лабораторӣ, ҳисобмошинҳои гуногун ва асбобҳои намоиш тақсим кардан мумкин аст.

Телескопҳои оптикӣ барои ҷамъ овардани нури ҷирмҳои осмонӣ ва сохтани тасвири онҳо хидмат мекунанд. Аз рӯи схемаҳои оптикӣ телескопҳо оинагӣ — рефлекторҳо, линзагӣ — рефракторҳо ва муштарак (телескопи Шмидт, телескопи Максутов ва ғ.) мешаванд.



Рефлектори 70 см-ии АЗТ-8 ва дастгоҳи дақиққори астрономӣ («ВАУ») дар Расадхонаи астрономии Ҳисор.

Онҳоро ба афзори тадқиқи астрофизикии ситораҳо, туманот, галактикаҳо, инчунин сайёрагону Моҳ (рефлекторҳои калон, ки бо кассетаҳо, спектрографу электрофотометрҳо ҷиҳозонида шудаанд), афзори фотографӣ (телескопи фарохзовияи Максутов ё Шмидт, астрографҳои фарохзовия), афзори астрометрӣ, телескопҳои офтобӣ, камераҳои метеорӣ ва ғ. ҷудо кардан мумкин аст. Тадқиқоти астрономӣ дар диапазони радиобасомадҳо бо ёрии радиотелескопҳо гузаронида мешавад. Калонтарин телескопи оптикии ҷаҳон «БТА» (Телескопи азими азимуталӣ, ки диаметри рефлектораш 6 м, вазни оинааш 47 т аст) дар Расадхонаи махсуси астрономии АФ СССР (Зеленчук, вил. автон. Қарочаю Черкас) с. 1976 ба кор даромад.

Барои муайян кардани координатаҳои объектҳои осмонӣ ва ичрои умури вақт доираи меридианӣ, афзори пассажӣ, доираҳои амудӣ, зенит-телескоп, устурлоби призмагӣ истифода мешавад. Барои мушоҳидаи тоҷи Офтоб, хромосфера ва фотосфера, телескопҳои хромосферӣ, коронограф ва телескопҳои фотосферӣ татбиқ мешаванд. Радифҳои маснӯи Заминро бо ёрии фотокамераҳои радифӣ ба сурат мегиранд.

Дар замонҳои қадим барои вақтсанҷӣ соатҳои офтобӣ, ақраба, баҳдтар квадранти деворӣ истифода мешуд. Дар астрономияи муосир барои ин мақсад соатҳои Шорт, Федченко, инчунин соатҳои кварцӣ ва молекулавӣ (ё атомӣ) истифода мешаванд, ки хеле дақиқ мебошанд. Барои корҳои фоторасмҳое, ки дар натиҷаи мушоҳида ба даст оварда мешаванд, асбобҳои лабораторӣ зерин: мошинҳои чени координатаҳо, блинк-компоратор, компоратор, микрофотометр, микрофотометри ситоравиро истифода мебаранд. Астроном ва математики тоҷик *Абӯмаҳмуди Ҳуҷандӣ* (а. 10, Рай) барои муайян кардани майли эклиптика, баландии ҷирмҳои осмонӣ ва вазъи нуқтаи эҳтидоли баҳорӣ судс (секстант) сохт, ки дар расадхонаҳои Марога (а. 13), Самарқанд (а. 15), Ҷайпур (а. 17) асбоби асосии астрономӣ ба шумор мерафт. Рисолаҳои илмии Бӯрунӣ, Хоразмӣ, Фарғонӣ дар бораи сохт ва истифодаи устурлоб, соатҳои офтобӣ, ақраба ва диг. асбобҳои астрономӣ маъруфанд. Дар такмили А. а. а. ҳиссаи астрономҳои расадхонаҳои Марога (Насируддини Тӯсӣ) ва Самарқанд (Улуғбек) калон аст.

Дар *Расадхонаи астрономии Ҳисор* рефлектори 70 см-ии АЗТ-8, рефрактори 40 см-ии фирмаи Карл Цейсс, дастгоҳи дақиққори астрономӣ («ВАУ»), асбоби «Наззораи метеорӣ» (ягона дар СССР) ва ғ. гузошта шудаанд.

АСБОБҲОИ ГАРМКУНӢ, номи умумии асбобҳои теплотехникие, ки барои гарм кардани моддаҳо, предметҳо, муҳиту биноҳо ва ғ. истифода мешаванд. Ду навъ А. г. мавҷуд аст: асбобҳои гармиҳосилкунанда ва асбобҳои гармиивазкунанда. Асбоби гармиҳосилкунанда намудҳои гуногуни энергияро ба гармӣ табдил медиҳад (мас., ҳаҷмоми сӯҳтани сӯзишворӣ энергияи химиявӣ ба гармӣ мубаддал мешавад). Асбоби гармиивазкунанда барои интиқоли гармӣ истифода бурда мешавад (мас., батареяҳои буғӣ хонаҳоро бо оби гарм ё буғ гарм мекунанд).

АСБОБҲОИ МЕТЕОРОЛОГӢ, асбобу дастгоҳҳо барои чен ва қайд кардани характеристикаҳои ҳолати атмосфера (ҳарорат, намӣ ва фишори ҳаво, суръат ва самти ҳаракати бод, боришот, абрҳо, намоёнӣ ва инчунин ҳарорати хоку сатҳи об, радиацияи офтоб, нурафкании даросмавҷи Замину атмосфера).

Аввалин А. м. 2 ҳаз. сол пеш дар Ҳиндустону Фаластин пайдо шуд. Аммо истифодаи мунтазами онҳо а. 17, баъд аз ихтирои *термометр* ва *барометр* оғоз ёфт. Олими бузурги рус М. В. Ломоносов илми метеорологияи ватаниро инкишоф дод. Барои чен кардани ҳарорату намии ҳаво термометрҳои симобӣ (ё спирти) ва психрометр, гигрометр, барои *сабти* бефосилаи ҳарорату намии ҳаво дар давоми шабонарӯз термограф ва гигрограф истифода мешавад. Барои чен кардани фишори атмосферӣ барометр ва *анероид* (асосан дар шароити саҳро ва экспедицияҳо) ва барои сабти бефосилаи он барограф таъин шудаст. Суръат ва самти бодро бо анемометр, анемограф, бодномо, миқдори боришотро бо боришсанҷ ва интенсивияти онро бо плювиограф *сабт* мекунанд. Интенсивияти радиацияи Офтоб, шуъоъфканиии сатҳи Замин ва атмосфераро бо пиргелиометр, актинометр, пиранограф, альбедометр, захираи *оби* дар тарки*биби барф* бо барфсанҷ, *шабнамро*

бо шабнамсанҷ чен мекунанд. Ғайр аз А. м.-и номбурда асбобҳое низ ҳастанд, ки барои чен кардани софии атмосфера, баландии ҳудуди поёни абр, бухоршавӣ ва ғ. хизмат мекунанд.

АСБОБҲОИ МУСИҚӢ, маҷмӯи асбобҳое, ки барои ҳосил кардани садоҳои зеру бам ва оҳангҳои мавзун пешбинӣ шудааст. Ҳар яке аз А. м. тембр ва садои хос доранд. А. м. дар натиҷаи тақлид ба овозҳои гуногуни одамон ва мурғҳо офарида шудаанд. А. м.-и тоҷикон аз аввал гуногун буданд. А. м.-и миллии ҳозира таърихи хеле қадимӣ доранд. Дар замони Сосониён *най, уд, чанг, сурнай, ғижжак, арғунун, даф, чагона* (ё қонун), табл ва *рубоб* хеле маъмул буданд. Дар а-ҳои 10—11, дар замони ҳукмронии Сомониён ва Ғазнавиён руд, ғижжак ва уд шӯҳрати зиёд дошт ва навъҳои гуногуни чангу ғижжак пайдо шуданд. Аз а. 15 дар натиҷаи тараққиёти маданияти шаҳрҳо А. м.-и халқӣ такмил ёфта, дастраси умум гардиданд. Дар а-ҳои 16—17 дар натиҷаи такмили асбобҳои нафасии халқӣ (аз қабили тӯла, най, сурнай, шох) *қӯшнай,* пайдо шуд. Дар а. 16 навъҳои гуногуни *скрипка* дар Италия бо суръати хеле баланд инкишоф ёфт. Инкишофи техника ва вусъати истеҳсолоти фабрикӣ боиси баланд гардидани сифати А. м.-и нисбатан мураккаб (мисли фортепиано, *арфа,* фисгармония, *баян* ва ғ.) гардид. А. м. аз ҷиҳати сохт ва манбаи садо (овоз) ба гурӯҳҳои торӣ, нафасӣ, забончадор ва зарбӣ тақсим мешаванд. Ҳоло калонтарин гурӯҳи А. м. гурӯҳи торӣ мебошад, ки ба хелҳои зерин тақсим мешавад: асбобҳои камончадор, мизробӣ (нохунӣ), зарбӣ, зарбии клавишдор, мизробии клавишдор. Камончадорҳо скрипка, ғижжак, виола, альт, *виолончель, контрабас* ва ғ. мебошанд. Аз гурӯҳи асбобҳои мизробии торӣ *танбӯр,* рубоб, *дутор, думбура, арфа, гусли, гитара,* балалайка ва ғ.-ро номбар кардан мумкин аст. Садои ин асбобҳо дар натиҷаи мизроб (нохун) задан ба вуҷуд меояд. Ба асбобҳои зарбии торӣ навъҳои гуногуни чанг, цимбала, клавикорд, *фортепиано* ва ғ. медароянд. Ба гурӯҳи асбобҳои мизробии клавишдор навъҳои гуногуни *клавесин* дохиланд. Асбобҳои нафасӣ аз ҷиҳати сохт се хеланд: чӯбин, мисин ва клавишдор. Асбобҳои нафасии чӯбин — най, қӯшнай, сурнай, *кларнет, гобой,* фагот, саксафон. Асбобҳои нафасии мисӣ — труба, тӯла, флейта, *валторна, тромбон,* фанфара. Асбобҳои нафасии клавишдор — арғунун (орган) ва навъҳои он. Ба гурӯҳи забончадорҳо асбобҳое дохил мешаванд, ки забончаҳошон асосан металлӣ мебошанд. Хелҳои асбобҳои забончадор: асбобҳои клавишдор, мизробӣ ва зарбӣ. Ба хели якум *гармония* (фисгармония), ба хели дуюм ҳадиқаи мусиқӣ, варган ва ба хели сеюм флексатон дохил аст. Ба гурӯҳи асбобҳои пӯстӣ *литаврҳо, таблак, дойра, дуҳул, нақора,* ба гурӯҳи асбобҳои тахтачадор (чӯбӣ, металлӣ ва сангӣ) *ксилофонҳо,* металлофонҳо, витрофан ва ба гурӯҳи худсадоҳо (ки манбаи садояшон худи ҷисм аст) лаълӣ, секунҷа, зангӯларо дохил кардан мумкин аст. Асбобҳои электрикӣ ва электронӣ низ ҳастанд. Бисьёр асбобҳои мусиқии русӣ ва европӣ аз қабили баян, балалайка, фортепиано, аккордеон дар қатори асбобҳои мусиқии миллӣ васеъ истифода мешаванд. *Х. Абдуллоев.*

АСБОБҲОИ НИМНОҚИЛӢ, асбобҳои электроние, ки дар асоси процессҳои электронӣ дар *нимноқилҳо* кор мекунанд. А. н. дар электроника барои табдили сигналҳои гуногун, дар энергетика барои аз як намуд ба намуди дигар табдил додани энергия хидмат мекунанд.

Вобаста ба таъиноту принципи кор, паваъи материал, конструкцияву технология ва соҳаи татбиқ намудҳои гуногуни А. н. мавҷуданд. Классҳои асосии А. н. инҳоанд: асбобҳои электртабдилдиҳанда, ки як бузургии электрикиро ба бузургии электрикии диг. мубаддал месозанд (диоди нимноқилӣ, транзистор, тиристор), асбобҳои оптоэлектронӣ, ки сигналҳои рӯшноиро ба сигналҳои электрикӣ табдил медиҳанд ё баръакс (оптрон, фоторезистор, фотодиод, фототранзистор, лазери нимноқилӣ ва ғ.), асбобҳои термоэлектрикӣ, ки энергияи гармиро ба энергияи электрикӣ табдил медиҳанд ё баръакс (термоэлемент, генератори термоэлектрикӣ, батареяи офтобӣ, термистор ва ғ.), асбобҳои магнитоэлектрикӣ (мас., датчике, ки дар асоси истифода *эффекти Холл* кор мекунад), асбобҳои пьезоэлектрикӣ ва тензометрӣ, ки ба фишор ва ҷунбиши механикӣ ҳассосанд. Класси алоҳидаи А. н.-ро схемаҳои интегралӣ ташкил медиҳанд, ки электртабдилдиҳанда, оптоэлектронӣ ва ғ. ё ин ки муштарак шуда метавонанд. Ба воситаи А. н.-и электртабдилдиҳанда, ки аз ҳама бештар паҳн шудаанд, лаппишҳои электрикии басомадашон аз ҳиссаҳои Гц то 100 гГц ва зиёда аз опро табдилу тақвият додан ва генериронидан мумкин аст. А. н. вобаста ба материали нимноқилии истифодашаванда, германӣ, силисӣ ва ғ., аз рӯи соҳаи татбиқ баландбасомад, баландшиддат, импульсӣ ва ғ. мешаванд. Дар мамлакатҳои ҷаҳон қариб 100 000 номгӯй А. н.-и таъиноташон гуногун истеҳсол карда мешавад. А. н. нисбат ба *асбоби электровакуумӣ* мӯҷазу хурдандоза, мустаҳкаму мӯътамад ва босарфа мебошанд. *Ш. Мавлонов.*

АСБОБҲОИ ПОЛЯРИЗАЦИОНӢ, асбобҳое, ки барои ошкору таҳлил ва ҳосил кардану табдил додани рӯшноии поляризациянашуда, инчунин барои тадқиқ ва ченкуниҳои гуногуне, ки ба ҳодисаи *поляризацияи* рӯшнӣ асос ёфтаанд, хидмат мекунанд. Онҳоро одатан ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: 1) асбобҳои оддитарин барои ҳосил кардан ва табдил додани рӯшноии поляризациянашуда — поляризаторҳои хаттӣ ва циркулярӣ, компенсаторҳои оптикӣ, деполяризаторҳо ва ғ.; 2) ҷиҳозу конструкцияҳои мураккаб барои тадқиқоти миқдории поляризационӣ — оптикӣ. Ба ин гурӯҳ чун элементҳои ҷудогона А. п.-и гурӯҳи якум, инчунин қабулкунакҳои рӯшнӣ, монохроматорҳо, олоти электронии фаръӣ ва ғ. дохил мешаванд.

Дар А. п.-и оддитарин, мас., поляризаторҳо барои ҳосил кардани рӯшноии пурра ё қисман поляризациянашуда яке аз се ҳодисаи физикии зайлро истифода мекунанд:



Полярископи Савар.

1) поляризацияи рӯшнӣ ҳангоми инъикос ё шикасти он дар ҳудуди ҷудошавии ду муҳити шаффоф, 2) дихроизми хаттӣ — яке аз шаклҳои плеохроизм, 3) шикасти дукаратаи шуоъ. Рӯшноие, ки аз сатҳи ҷудошавии ду муҳити нишондиҳандаи шикасташон (*n*) гуногун инъикос мешавад, ҳамеша қисман поляризациянашуда аст. Агар шуои рӯшнӣ ба ҳудуди ҷудошавӣ таҳти кунҷе афтад, ки тангенси он ба нисбати *n*-и мутлақи муҳитҳои 2 ва 1 (*n*-и нисбии онҳо) баробар бошад, нури инъикосгашта пурраполяризациянашуда аст (ниг. *Қонуни Брюстер*). Шуои шикаста ҳам қисман поляризациянашуда аст ва дараҷаи поляризацияи он *p* бо афзоиши кунҷи афтиш ба таври монотонӣ зиёд мешавад.

Муҳитҳое, ки анизотропияи оптикӣ доранд, шуоъҳои гуногунполяризациянашударо ҳар хел фурӯ мебаранд. Агар ғафсии пластинаи аз кристалли анизотропӣ (хати фурӯбариаш воқеъ дар соҳаи матлуби спектр) нисбат ба меҳвари оптикии вай параллель буридашуда барои тамоман фурӯ бурдани яке аз шуоъҳо кофӣ бошад, шуои аз он гузаштагӣ пурра поляризация мешавад. Ин гуна А. п.-ро поляризаторҳои дихроидӣ меноманд (ниг. *Поляроид*).

Поляризаторҳое, ки сохти онҳо ба ҳодисаи шикасти дукаратаи шуоъ асос ёфтааст (мас., призмаи Николь), назар ба поляроидҳо апертураи хурдтар доранд; бо вучуди ин дар соҳаи ультрабунафши спектр онҳо ивазнопазиранд. Ҳамаи поляризаторҳоро инчунин барои таҳлили ҳолати поляризацияи рӯшной, яъне ҳамчун анализатор истифода бурдан мумкин аст.

Асбобҳои **тадқиқоти поляризационӣ-оптикӣ** аз ҷиҳати татбиқ, сохт ва тарзи кор басо гуногунанд. Онҳо барои ченкуниҳои фотометриву пирометрӣ, тадқиқоти кристаллооптикӣ, омӯхтани шиддати механикӣ дар конструкцияҳо, инчунин дар микроскопия, поляриметрияву сахариметрия, суратгириву кинотирии баландсуръат, схемаҳои идораи лазерҳо, тадқиқи физикии сохти электронии атому молекулаҳову ҷисмҳои сахт истифода мешаванд.

Элементи асосии аксари А. п. схемаи иборат аз поляризатори хаттӣ ва анализаторест, ки дар як меҳвар пай дар пай ҷой гирифтаанд. Дар сурати нисбат ба якдигар перпендикуляр будани ҳамвориҳои поляризацияи онҳо схема рӯшноиро намегузаронад. Тағйири кунҷи байни ин ҳамвориҳо боиси тағйири интенсивияти рӯшнои аз система гузаранда (мутаносибан ба квадрати косинуси ҳамин кунҷ аз рӯи *қонуни Малюс*) мегардад. Ин схема дар А. п.-и фотометрӣ — фотометрҳо ва **спектрофотометрҳо** васеъ истифода мешавад. Дар тадқиқоти кристаллооптикӣ (асосан барои муайян кардани характеру бузургии анизотропияи моддаҳо) **микроскопи поляризационӣ** ва барои муайян кардани дарачаи поляризацияи рӯшнои қисман поляризацияшуда пластинаҳои шикасти дукаратаи шуоъ — **полярископҳо** татбиқ мешаванд. Намунаи ин гуна А. п. полярископи Савар (расм) аст. Ин полярископ аз ду пластинаи кварци кристалӣ ғафсиашон *d* якхелае, ки меҳвари оптикиашон нисбат ба меҳвари полярископ таҳти кунҷи 45° меҳобад ва анализатори ба пластинаи Савар часпондагие, ки ҳамвории поляризацияаш нисбат ба буриши асосии ин пластина таҳти кунҷи 45° меҳобад, иборат аст (дар расм фақат пластинаи Савар тасвир ёфтааст). Ҳангоми ба пластина афтидани рӯшнои қисман поляризацияшуда дар доираи бинои манзараи интерференционӣ мушоҳида мешавад. Агар рӯшнои афтанда тамоман поляризация нашуда бошад, дар ҳамаи ҳолатҳо тағйир додани вазъияти полярископ раҳҳои интерференционӣ дида намешавад.

АСБОБҲОИ СПЕКТРӢ. асбобҳое, ки барои тадқиқи (аз рӯи дарозии мавҷ) таркиби спектрии шуоъҳои электромагнитии диапазони оптикӣ (10⁻³ — 10³ мкм, ниг. *Спектрҳои оптикӣ*), муайян кардани характеристикаҳои спектрии объектҳои шуоъфкан ва объектҳое, ки бо шуоъфканӣ таъсири мутақобила кардаанд, инчунин барои таҳлили спектрӣ истифода мешаванд.

Узви асосии ҳар як А. с. **элементи дисперсиякунанда** аст, ки нурҳои дарозии мавҷашон гуногунро таҷзия мекунад. А. с. вобаста ба навъи элементи дисперсиякунанда асосан се хел мешаванд: призмагӣ, дифракционӣ ва интерференционӣ. Сохти А. с.-и **призмагӣ** ба



Расми 1. Схемаи умумии асбоби спектрии призмагӣ: 1 — призмаи дисперсиякунанда; 2 — коллиматор бо равзанаи *C* ва объективи O_1-и масофаи фокусиаш (ҷонуниаш) f_1; 3 — камера бо объективи O_2-и масофаи фокусиаш f_2; *a* — паҳнои дастаи рӯшной, ки бо равзанаи росткунҷаи элементи дисперсиякунанда маҳдуд шудааст; *P* — ҳамвории фокалӣ, ки спектр дар он меҳобад; *E* — кунҷи байни ҳамвории фокусӣ ва меҳвари оптикии объективи камера.

ҳодисаи дисперсияи рӯшной, А. с.-и **дифракционӣ** — ба дифракцияи рӯшной ва А. с.-и **интерференционӣ** — ба интерференцияи рӯшной асос ёфтааст. Вобаста ба тарзи мушоҳидаву қайди спектрҳои оптикӣ А. с. ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд: **спектроскоп** (барои мушоҳидаи визуалӣ), **спектрограф** (барои қайди фотографӣ) ва **спектрометр** (барои қайди фотоэлектрикӣ). А. с.-е, ки барои ҷудо карда гирифтани интервалҳои хурди дарозиҳои мавҷ истифода мешаванд, **монохроматор** ном доранд. Тарзи кори спектрометрҳо ба монохроматорҳо монанд аст. Дар онҳо спектр нисбат ба равзанаи маҳраҷ ҷой иваз мекунад ва бо ёрии фотоэлемент, фотофузунсоз, термоэлемент ва г. ба қайд гирифта мешавад.

Расми 2. Спектрографи дифракционии ДФС-3. 1 — сипари спектрограф, ки андарони он панҷарам дифракционӣ ва онро ҷой гирифтаанд; 2 — кисми кассетии спектрограф, ки дар он кассета бо пластинаи фотографӣ ҷой мегирад; 3 — маҳбаси рӯшноии тадқиқшаванда.

Спектрофотометрҳо, спектрополяриметрҳо, спектрорефрактометрҳо ва г. ба навъҳои махсуси А. с. мансубанд. А. с. бо дисперсияи кунҷӣ ва хаттӣ (ки андозаҳои спектрро муайян мекунанд), қобилияти тафриқавӣ (қобилияти аз ҳам ҷудо карда тавонистани ду хати спектрии ҳамсоя) ва қобилияти нурҷузаронӣ (ҳиссаи ба қабулкунаки нурҳо омада расидаи энергияи рӯшной) ифода меёбанд. А. с.-и интерференционӣ (мас., эталони Фабри-Перо, пластинаи Люмер-Герке, эталони Майкельсон ва г.) қобилияти тафриқавии хеле калон доранд. Аммо онҳоро ба сабаби соҳаи хурди дисперсия доштанашон якҷоя бо монохроматорҳо—А. с.-и призмагиву дифракционӣ истифода мебаранд. Ин гуна А. с.-и муштарак омӯзиши структураи нозук ва фавқунозуки хатҳои спектриро имконпазир мегардонад. А. с. барои гузарондани *таҳлили спектрӣ*, омӯзиши сохти модда, тадқиқи спектрҳои тобиши ситорахо, ташхиси плазма ва г. истифода мешаванд.

АСВОН اسوان шаҳр дар Республикаи Миср Араб, дар соҳили д. Нил. Маркази маъмурии вил. Асвон. Бандари дарьёӣ. Ст. р. о. Аҳол. 201,5 ҳаз. наф. (1970). Корхонаҳои бофандагӣ, химия (комб. калони химиявӣ), чарму пойафзол дорад. Дар А. курорти иқлимӣ, боғи ботаники, филиали музеи осори атиқаи Қоҳира мавҷуданд. Дар наздикии А. маъдани оҳан, санги бинокорӣ истеҳсол мекунанд. Дар ин ҷо с-ҳои 1960—70 бо ёрии СССР комплекси сарбанди баланди Асвон сохта шуд.

АСЕПТИКА (аз *a*... ва юн. septikós — маддаиок), тадбирҳои пешгирии ба ҷароҳат ворид шудани микробҳои касалиовар. Букрот, Ибни Сино, Розӣ ва диг. усулҳои безарарсозии ҷароҳатро бо сирко, май, скипидар, равғани ҷӯшон, оҳак, намакҳои мис, оҳани тафсон, марҳам ва г. васеъ истифода бурдаанд. Аввалин маротиба А.-ро ҷарроҳи немис Э. Бергман (1836—1907) кор карда баромадааст. Дар амалияи ҳозираи ҷарроҳӣ безарар намудани заҳмро асосан бо усулҳои физикӣ (бо ҳарорати баланд, автоклавонӣ ва бо нури ультрабунафш) ба ҷо меоранд. Барои он ки ҷароҳат аз асбобҳои ҷарроҳӣ, ҳаво ва г. микробнок нашавад, онҳоро бо усулҳои зикрзардида ва дорухои махсус стерилизация (тамҳиз) мекунанд. Бо усули Альфельд ҷарроҳ дастонашро бо оби гарму собуни ва чўтка 5 дақиқаги 2 маротиба мешўяд, хушк карда пок мекунад, 5 дақиқа спирти 96° мемолад, баъд дастпушаки резинии стерилизонидаро мепўшад. Дар мамлакатамон бештар усули асептикии С. И. Спасокукоцкий ва Н. Г. Кочергин истифода мешаванд: ҷарроҳ дасташро бо доки 8 пахтае, ки дар тос ба маҳлули 0,5 фо-

изаи аммиак гузошта шудааст, 3 дақиқагӣ 2 маротиба шуста хушк мекунад ва баъд аз ин спирт мемолад. Ҷои ҷарроҳишаванда (бофтаи ҷарроҳишаванда)-ро бо спирт пок карда, 2 маротиба маҳлули 5—10-фоизаи йод мемоланд. Барои микробнок нашудани ҳавои хонаи ҷарроҳӣ ва бандинабандӣ ҷарроҳ ва ҳамшираҳои тиббии ёрдамчӣ даҳону биниашонро бо пардаи махсуси дока мебанданд. Ниг. низ *Антисептика*.

АСИМПТОТА (юн. asŷmptotos—ба ҳам нарасанда, якҷоя нашаванда), хати росте, ки ба он шохаи беинтиҳо дуршавандаи хати каҷ номаҳдуд наздик мешавад. Мас., барои гиперболаи $y = \frac{1}{x}$ (расми 1) меҳварҳои координатаҳои Ox ва Oy А. мебошанд. Хати каҷ А.-и худро бурида метавонад (мас., графики лаппишҳои хомӯшшаванда, расми 2). Хатҳои каҷи дорои шохаи беинтиҳо дуршаванда А. надошта метавонанд (мас., парабола).

Расми 1.



Расми 2.

АСИРА́К (Reseda), авлоди растаниҳои алафӣ, нимбутта ё бутта, мансуби *асиракиҳо*. Барги паршакл, гули сафед ё зарди дучинса, ғӯраки болоии 3—4-мевабарга, ғӯзамеваи сертухм дорад. 50—60 намуди он аз мамлакатҳои б. Миёназамин то Африкаи Шарқӣ ва Ҳиндустон, баъзе намудҳояш то 60° а. ш. дар Европа, 10 намудаш дар СССР (асосан дар Кавказ ва Осиёи Миёна) паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. 3 намуди А.-и худрӯй (R. bucharica, R. lutea, R. luteola) ва 1 намуди боғии А. (R. odorata) маълум аст. А. дар теппаҳои хушку пишеҳо, дар сангҳоҳу заминҳои оҳакдор, дар киштзору заминҳои холӣ ва ғ. месабзад. Барги А. (R. luteola) 100 мг% витамини С; тухмаш 34,2% равған дорад, ки барои тайёр кардани лак ва рангубор, атриёт ва дар тиб истифода мешавад. Аз барг ва поя А. ранги зард мегиранд, ки он барои ранг кардани шоҳӣ истифода мешавад. А.-и атрбӯ (R. odorata)-ро дар боғу гулбоғҳо чун растании ороишӣ парвариш мекунанд.

Асирак: кисми поён (1) ва болои поя (2)

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975. *Т. И. Будтуева.*

АСИРАКИҲО́ (Resedaceae), оилаи растаниҳои як, ду ё бисьёрсолаи алафӣ, нимбутта ва бутта. Барги яклухт ё пармонанд, гули як ё дучинсаи зигоморфӣ, ғӯзамева доранд. А. 6 авлоду қариб 75 намудро дарбар мегиранд, ки асосан дар ноҳияҳои Баҳри Миёназамин, Осиёи Ғарбию Миёна, Ҳиндустону Европа ва Америкаи Шимолӣ паҳн шудаанд. Дар СССР, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 1 авлоди А. (Reseda) вомехӯрад. Дар қ-кӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, Зарафшону Туркистон ва Тоҷикистони Ҷанубӣ 4 намуди *асирак* меруяд, ки чун гиёҳҳои шифобахшу рангдиҳанда ва ороишӣ маълуманд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975.

АСИРУДДИ́НИ АХСЕКАТӢ اسیر الدین اخسیکتی Абулфазл Муҳаммад Тоҳир (1108—10, Ахсекати Фарғона — 1196—98, Халхоли Озарбойҷон), шоири форс-тоҷик. Кӯдакиву таҳсили ибтидоиаш дар Ахсекат, ки шаҳри калони адабию маданӣ ва пойтахти Фарғона буд, гузаштааст. Таҳсили илмро дар ш-ҳои Балх, Ҳирот ва Марв давом дода, илмҳои маъмули замони худ: риёзиёт, тиб, кимиё, нуҷум, ҳайат, фалсафа, сарфу наҳвро мукаммал меомӯзад. Вазъияти тезу тунди сиёсии давр, инқирози салтанати Санҷар, исьёни ғузҳо дар Хуросон ва куштори зиёд шоирро маҷбур мекунанд, ки ба Ироқи Аҷам фирор кунад. А. А. аз рӯи эҳтиёҷоти моддӣ маҷбур мешавад, ки ба хизмати ҳокимони Ироқи Аҷам Арслон ибни Туғрал (1160—79) ва Қизил Арслон (1185—91) даромада, ба онҳо мадҳияҳо бахшад. А. А. дар давраи ҳукмронии Қизил Арслон ба дараҷаи «маликушшуарой» расида будааст. Ҳасудони дарбор ӯро ба кофирӣ айбдор мекунанд ва Қизил Арслон шоирро аз дарбор меронад. А. А. баъди ин дар шеърҳояш бахиливу мунофиқӣ ва риёкории аҳли дарборро сахт мазаммат мекунад. Оворагардӣ, мушоҳида ва озмоишҳои зиндагӣ шоирро ба хулосае меоранд, ки шоҳонро мадҳ кардан фоида надорад. Солҳои охирини зиндагии А. А. дар узлатнишинӣ ва тангдастӣ гузаштааст. Нусхаи қадимтарини девони А. А. с. 1313 аз тарафи Абдулмӯъмини Улвии Кошӣ китобат шуда, қариб 8 ҳазор байт шеърро дарбар мегирад ва дар китобхонаи «Индиа Оффис» (Лондон) маҳфуз аст. Мероси адабии А. А. аз 120 қасида, 220 ғазал, 80 қитъа, 80 рубой, 4 таркибанду тарҷеъбанд ва 24 фард иборат аст. Қисми зиёди осори А. А. қасида мебошад. Дар насиби қасидаҳои А. А. васфи дилбар, тасвири фаслҳои сол, ҳасби ҳол, панду ҳикмат бештар дида мешавад. Гурези қасидаҳои А. А. оҳангҳои танқидӣ низ доранд. Қасидаҳои А. А. аз ҷиҳати мазмуни насиб ба навъҳои гуногун: мадҳия, ҳолия, баҳория, ишқия, марсия, ҷавобия, ҳаҷвия, ахлоқӣ ва ғ. ҷудо мешаванд. Ғазалиёти А. А. нисбат ба қасидаҳояш миқдоран кам буда, бо забони шевою содда суруда шудаанд. Ӯ дар ғазал ишқи поки инсон, хуши-ҳои зиндагӣ, маю майгусорӣ, манзараҳои зебои табиат ва ғ.-ро тараннум кардааст. А. А. баъзе ғазалҳои шоирони гузаштаю муосиршро татаббӯъ кардааст. Оҳангҳои иҷтимоӣ: танқиди нобаробариҳои замон, шикоят аз «чархи фалаки каҷрафтор», ҳаҷви ҳарисиву тамаъкории давлатмандони муфтхӯр дар эҷодиёти А. А. мавқеи хосе дорад. Мавзӯъҳои панду ахлоқ, олиҳиммативу хоксорӣ, инсондӯстӣ, сабру тоқат, қадри илму дониш, танқиди кибру ғурур, бухлу ҳасад ва ғ. аз мавзӯъҳои асосии ашъори шоир ҳисоб мешаванд. А. А. дар ду сабк—хуросонӣ ва ироқӣ эҷод кардааст. Қасида, тарҷеъбанд ва қитъаҳои ӯ дар *сабки ироқӣ*, ғазалиёту рӯбоиёташ дар *сабки хуросонӣ* навишта шудаанд.

Ас.: دیوان، تهران، ۱۳۳۸ ه. ش.

И. Ҳидоятов.

АСИРӢ اسیری Тошхӯҷа валади Эшонхӯҷа (1864, Хуҷанд, Ленинобод ҳозира — 3. 3. 1916, ҳамон ҷо), шоири маорифпарвари тоҷик. Дар оилаи сангтарош ба дунёё омада, дар 16-солагӣ аз падар ятим мондааст. А. маълумоти ибтидоиро дар Хуҷанд гирифта, с. 1882 барои такмили дониш ба Хӯқанд меравад ва дар мадрасаи он ҷо таҳсили илмро давом медиҳад. С. 1890 бо зодгоҳи худ баргашта пешаи падарро давом медиҳад ва аз сангиосиётарошӣ таъмини маишат мекунад. А. ҳангоми таҳсил дар мадрасаи Хӯқанд забони русиро омӯхта, аз матбуоти давраги русию туркизабони Осиёи Миёна ва Кавказ баҳравар шудааст. Ошной бо матбуоти русӣ ҷаҳонбинии А.-ро хеле васеъ намуд, акидаҳои маорифпарварии ӯро устувортар кард. Акнун вай ба масъалаҳои му-

химми ичтимої, ривочи илмҳои дуньявї, тараққиёти техникї, таълиму маориф чиддитар диққат медодагї шуд. Ҳамаи ин дар ашъори А. хеле возеҳ ифода ёфтааст. Шоир рӯҳониёни иртичоиро, ки моней пешрафти ичтимої буданд, беамон танқид мекард. Вай дар шеъри «Одамият чист?» онҳоро «чинси начосаттинат» ва душмани қаттоли мазлумон номида, ниқоб аз рӯяшон бардоштааст ва симои ҳақиқиашонро ошкор сохтааст. Дар ин шеър ақидаҳои гуманистии А., концепцияи инсониятпарварии ӯ мӯҷаз ифода ёфтааст:

Одамият чист? — Худро дур аз шар
доштан,
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар
доштан...

А. образи мардуми заҳматкашро ба сифати идеали нави эстетикии давр васф намудааст.

А. чун бисьёр шоирони замони худ дар шеър сабки Бедилро пайравї мекунад. Аммо дар эҷодиёти вай бисьёр масъалаҳои муҳимми ичтимої аз мавқеи реалистї акс ёфтаанд. Махсусан дар достони «Дар баёни ҷӯи нави Бекобод» (1913) ба реализм паздик шудани А. баръало мушоҳида мешавад. Масъалаи обу обьёрї ҳамеша яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳоҷагии Осиёи Миёна буд. Ба ин масъала дар вақташ сарвари маорифпарварони точик Аҳмади Дониш диққат дода, масъалаи аз дарьёи Аму ба Бухоро об ованданро ба миён гузошта буд. А. ҳам фикри устоди маънавии худро таҳвият дода изҳори боварї кардааст, ки барои ободонии кишвар ва некӯаҳволии мардум даштҳои лабташнаро обшор кардан зарур аст. А. дар ҳамин достон аз дӯстии халқҳо сухан ронда, инженери русеро, ки ҷӯи Бекобод бо роҳбарии ӯ буньёд шудааст, бо эҳтироми зиёде ёд кардааст: «Дар он санъат зи аввал то ба охир, муҳандис буд русе—марди фохир». А. дар маснавии «Ширу шакар» низ Челикин ном марди русро, ки бо ӯ рафтуомад доштааст, бо меҳр ба забон мегирад: «Гуфто зи раҳи ҳавопарастї: приходите ко мне в гости». А. дар шароити ҳаёти нимфеодалии сарзамини худ техника ва илму маданияти пешкадами халки русро васф ва таргиб намудааст. Аз таъкиби рӯҳониёни мутаассиб нитарсида, дар ашъораш калимаву ибораҳои русиро фаровон ба кор бурдааст.

А. яке аз таргибкунандагони илмҳои дуньявї буд. Вай дар ин масъала илму техникаи русро мисол оварда, барои аз худ намудани илмҳои дуньявї омӯхтани забони русиро зарур шумурдааст. Бинобарин дар масиҳати фарзандаш гуфтааст:

Зи илму касби обро тӯша андӯз,
Дигар илму забони аср омӯз
Ҳамин илме ки дунёе созад обод,
Туро созад зи баҳри чаҳл озод

А. дар «Қасида дар бобі усули чадидаи»-аш мактабҳои усули навро, ки дар ибтидои а. 20 бо таъсири бевоситаи Рев. 1905—07-и рус дар баъзе шаҳрҳои Осиёи Миёна таъсис шуда буданд, ҳамчун раҳнамои илмҳои дуньявї васф ва таргиб кардааст.

А. як силсила ашъори ҳаҷвї дорад, ки муллоҳои ҷоҳил ва боёни ситампешаро беҳарос масхараю расвои олам кардааст. Дар танқиду мазаммати табақаи муфтхӯр нотарс будани А. аз ин суханони ӯ бармеояд, ки гуфтааст: «Сухани ҳақ Асирї, бояд гуфт, дар ҳақи бойҳо натарсида!» А. бо шоирони точику ӯзбек Айнї, Таҷаллї, Ҷавҳарї, Муқимї, Фурқат, Завқї, Хислат ва ғ. алоқаи дӯстию эҷодї дошт. Шоир баъзе шеърҳои худро бевосита ба ӯзбекї навиштааст. Ашъори А. ба тазкираю баёзҳои замонаш дохил шуда бошад ҳам, то Рев. Октябрь ба таври алоҳида ба табъ нарасида буд. Ду мачмӯаи дастнависи шеърҳои А. дар китобхонаи Ин-ти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Точикистон маҳфуз аст.

Ас.: Мунтаҳаби ашъор, Сталинобод, 1960; Гулчин, Ленинобод, 1964.
Ад.: Раджабов З., Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX вв., Сталинабад, 1957; Ҳамон муаллиф. Поэт-просветитель таджикского народа Асири. Д., 1974.

С. Амирқулов.

АСКА́РИ СУРХ, рутбаи ҳарбии ҳайати қаторї дар қӯшунҳои пиёдагард ва ҚҲҲ-и Армияи Коргару Деҳқон аз янв. 1918. Ҳамчун рутбаи шахсї бо қарори КИМ ва СКХ-и СССР аз 22 сент. 1935 муқаррар гардид. Июни 1946 рутбаи А. с. бо рутбаи *аскари қаторї* иваз шуд.

АСКА́РИ СУРХ, деха, маркази С. қ. Қаротоги р-ни Регари РСС Точ. Терр. к-зи ба номи Жданов. Дар сари роҳи Душанбе—Тирмиз. Аз А. С. то маркази район 11 км, рох асфальт. Аҳол. қариб 1500 наф. (1976), точикон ва ӯзбекҳо. Касалхона, магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагї — пахтакорї, инчунин богу токдорї. Заминҳо аз д. Каротог обьёрї мешаванд.

АСКА́РИ СУРХ, деха дар С. қ. Қумсангир, р-ни Қумсангири вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи Жданов. Ахол. 1165 наф. (1976), точикон. Аз деха то С. қ. 3 км, то маркази район 6 км; рох асфальт. Соҳаи хоҷагї — асосан пахтакорї. Магазин, чойхона дорад. Заминҳо ба воситаи кан. Қумсангир аз д. Ваҳш обьёрї мешаванд.

АСКА́РИ СУРХ, деха дар С. қ. Карамқул, р-ни Ҳисори РСС Точ. Терр. к-зи ба номи Калинин. Аз деха то маркази С. қ. 2 км, то район 5 км; рох мошингард. Ахол 717 наф (1976), точикон. Деха мактаби ибтидої, магазин, пункти тиббї дорад. Соҳаи асосии хоҷагї — пахтакорї. Заминҳо аз Каналы Калони Ҳисор обьёрї мешаванд.

«АСКА́РИ СУРХ», газетаи бисьёртиражи аскарони собиқ Полки кӯҳгарди саворааи точик. Аз с. 1931 бо забонҳои точикї, русї ва ӯзбекї ҳафтае як бор чоп мешуд. Баъди с. 1933 чопаш қатъ гардид.

АСКА́РИ ҚАТОРЇ, рутбаи хурди ҳарбї дар ҳайъати Қуввоҳои Мусаллаҳи СССР, ки он дар *Қуввоҳои Ҳарбии Баҳрї* бо рутбаи *матрос* баробар мебошад.

АСКАРИДАҲО́ (Ascarididae), оилаи кирмҳои лӯнда, ки дар рӯдаи одам ва ҳайвоноти мӯҳрадор паразитї мекунанд. Дарозии танаи А.-и нарина 15—20 см ва модина — 25—40 см мешавад. Аскаридаи модина дар як шабонарӯз то 250 ҳаз. тухм мегузорад. Аз тухмҳое, ки ба воситаи хӯрок ё об ба узви ҳозима дохил мешаванд, кирмина (личинка)-ҳо ба вуҷуд омада, ба воситаи деворои рӯда аз рагҳои хун ба дил, шуш, ноҳ нафас, даҳон ва боз ба меъда ворид мешаванд. Онҳо дар рӯдаи борик болиғ шуда, баъд аз 2—2,5 моҳ тухм мегузоранд. Бештар аскаридаи хук (Ascaris suum) ва одам (A. lumbricoides) паҳн шудааст. А. ангезандаи бемории *аскаридоз* мебошанд.

Аскаридаи одам:
1 — нарина;
2 — модина.

АСКАРИДИО́З, касалии парранда. Барангезандаи А. кирми лӯндаи аскаридия (Ascaridia galli) дар рӯдаи парранда (мург, мурғи марҷон, кафтар) зиста, махсусан ба мурғпарварї зарари калони иқтисодї (тухмкунии мург то 20% кам мешавад) мерасонад. Паҳнкунандаи А. парранда касал мебошад. Тухми аскаридия баъди 10—18 рӯз ба кирми табдил меёбад; дарозиаш 70—120 мм. Мурғи солим ва махсусан чӯҷаҳои 2—10-моҳа онро хӯрда сироят меёбанд. Кирм деворои рӯдаро иллатнок ва организмро захролуд мекунад. Чӯҷаи касал аз инкишофу сабзиш монда, лоғар мегардад. Усули муолиҷа: дар катакҳои алоҳида нигоҳ доштани мурғони касал ва бо хӯроку об додани 0,3—0,5 г пиперазин; сари вақт тоза ва *дезинфексия* кардани мурғхона.

Ад.: Петроченко В. И., Котельников Г. А., Гельминтозы птиц. М., 1963

АСКАРИДО́З, бемории одам ва ҳайвон, ки кирмҳои лӯнда — *аскаридаҳо* меангезонанд. Манбаи асосии сироят хок ва начосати одам мебошад. Тухмҳои аскарида бо начосат ҳориҷ шуда, бо фароғаги шароити мусоид ба афзоиш тайёр мешаванд. Онҳо баробари бо хӯрок ба рӯда дохил шудан ба кирминаҳо табдил шуда, ба венаи рӯда ва сипас бо хун ба дил ва шуш ва аз шуш ба альвеолаҳои шуш гузашта, баъд бо роҳи на-

фас ба ҷавфи даҳон меоянд ва бо оби даҳон аз нав ба рӯдаи борик мераванд ва дар он ҷо паразити болиғ мегарданд. Сироят одатан хусусияти мавсимӣ дорад ва бештар дар тобистон ва тирамоҳ авҷ мегирад. Беҳолӣ, дарди шикам, хирашавии табъ, қай, дарди сар, баъзан баланд шудани ҳарорат аломатҳои А.-анд.

Муолиҷа ва пешгирӣ: истифодаи давоҳои зидди аскарида ва ғ., риоя намудани қоидаҳои беҳдошти шахсӣ, сохтани канализация, водопровод, ҳоҷатхонаҳои озода ва ғ.

АСКАРО́НИ ПИЕ́ДАИ БАҲРӢ, қисмҳои махсус таълимгирифтаи аскарони пиёдаи ФҲБ, ки барои мудофиаи соҳил, инчунин базаҳои ҳарбии баҳрӣ, бандарҳо ва ғ. пешбинӣ шудаанд. А. п. б. аввал дар Англия (1664), баъд дар Россия (1704), ШМА (1775) ва диг. мамлакатҳо пайдо шуданд. А. п. б. бо яроқи реактивӣ ва артиллерӣ, дастгоҳҳои зиддитанкӣ, воситаҳои махсуси десанти ҳавоию баҳрӣ мусаллаҳ мебошанд.

АСКИЯ (ар. اذكياء азкиё — ҷамъи ذكى закӣ — тезтабъ), жанри мутоибавии эҷодиёти лафзии халқ буда, зиндадилӣ ва заковати халқро ба воситаи шӯхиҳои нозук ифода менамояд. А. бештар дар байни ду-се кас ва гурӯҳи одамон (дар тӯй, сайру гашт, дар меҳмонхонаҳо) ба вуқӯъ меояд. Дар А. сухани духӯра, буррои бамавқеъ, ҳозирҷавобӣ ва ханда воситаи асосӣ ҳисоб меёбад. Лаҳзаҳои ба А. монанд ва унсурҳои А. дар адабиёти хаттии пешазисломии форс-тоҷик низ дучор меояд. Кӯҳнатарин намунаи хаттии А. мунозираи «Дарахти асурик» ба шумор меравад, ки дар а-ҳои 2—3 ба забони паҳлавӣ навишта шудааст. А.-ро дар водии Ҳисору Кӯлоб «қофия», дар Помир «назир», дар Ванҷ, Дарвоз ва Қаротегин «лаҷича», дар водии Зарафшон «аксия» ҳам мегӯянд. Дар байни тоҷикон ду шакли А. мушоҳида мешавад, ки шартан «А.-и мухтасар» ва «А.-и мукаммал» номидан ҷоиз аст. А.-и мухтасар аз як ё ду муколама таркиб меёбад. А.-и мукаммал аз рӯи ягон мавзӯъ чун силсилаи муколамаҳои тарафайн сурат гирифта, 10—15 дақиқа давом мекунад. Вазифаи асосии А. аз он иборат аст, ки бояд табъи одамонро хуш карда, бо ин нуқсонҳои мавҷударо ошкор созад. А. дар жанрҳои гуногуни назму наср гуфта мешавад. Мавзӯъ дар А. пешакӣ не, балки дар рафти А.-гӯӣ муайян мегардад. А. дар тӯю гаштакҳо, ҳангоми меҳнат ва истироҳат ҳамчун воситаи дилхушӣ ба кор меравад. Дар А. бояд одоби сухан риоя шавад ва ин ҷиҳатро А.-гӯ низ бояд ба ҳисоб гирад. А. дар байни диг. халқҳои Осиёи Миёна, дар Эрону Афғонистон, Покистону Ҳиндустон низ маъмул аст.

Ад: Муҳаммадиев Р. Аския. Тошкент, 1962; Маҳдиев С. Аския. «Садои Шарқ», 1968, № 7. *С. Маҳдиев.*

АСКЛЕ́ПИЙ (Asklepiós), худои тиб дар мифологияи Юнони Қадим. Хизматгорони маъбадҳои А.— асклепиадҳо машғули санъати тиб буданд. Дар ин маъбадҳо мактабҳои тиббӣ таъсис ёфта, дар заминаи онҳо тибби Юнон дар замони худ ба авҷи тараққиёт расид. Дар Рими бостонӣ (а. 3 пеш аз м.) номи аслии А. ба Эскулап мубаддал гардид.

АСКОМИЦЕТҲО́ (Ascomycetes) (аз юн. askós — халтача ва mýkēs—занбӯруғ), занбӯруғҳои халтачадор, синфҳои занбӯруғҳои дараҷаи олӣ, ки мицелий (аъзои нашвӣ)-и бисьёрҳуҷайра ё аъзонок доранд. Дар натиҷаи афзоиши чинсӣ А. халтача (аск)-ҳои апогамӣ ё ҳуҷайраҳои сӯзаншакли одатан 8-спора ҳосил мекунанд. Дар баъзе А. халтача бевосита дар мицелий ва дар баъзеи дигарашон дар дохил ё дар рӯи узви боровар ҳосил мешавад. Афзоиши ғайриҷинсӣ бо спораҳои экзогенӣ — конидияҳо ба вуқӯъ меояд. А. зиёда аз 35 000 намуданд. Бештари онҳо *сапрофит* мебошанд. А.-и касалиовару паразитии растанӣ, ҳайвонот ва одам маълуманд. Баъзе А. хӯрокӣ буда (мас., *дили барра)*, баъзеашон доруианд (мас., *пенициллин).*

АСЛИҲА́ (ар. اسلحة—ҷамъи سلاح силоҳ — яроқ), номи умумии олоту воситаҳое, ки дар муборизаи мусаллаҳона барои маҳв кардани лашкари душман ва техникаву иншооти он истифода мешавад. Тараққиёти А. ба тарзи истеҳсолот ва махсусан ба дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста аст. Кашфи қонунҳои нави физикӣ ва манбаъҳои нави энергия ба пайдоиши намудҳои нави А. ва дар натиҷа, барои ба миён омадани усулҳои нав ба нави амалиёти ҳарбӣ ва тарзи нави ташкили қӯшунҳо боис мегардад. Дар навбати худ илми ҳарбӣ такмил додан ва ба вуҷуд овардани навъҳои нав ба нави А.-ро талаб мекунад.

А. дар давраи общинаи ибтидоӣ чун воситаи шикор ва ҳимоят пайдо шудааст. Дертар, баъди пайдоиши синфҳо ва давлатҳо А.-ро бештар ба мақсадҳои ҳарбӣ истифода мебурданд. Дар ибтидои пайдоиши худ А. аз олоти меҳнат фарқе надошт. Намунаҳои аввалини А.-и маҳз (калтак, шашпар, бумеранг, найзаи чӯбини сангинпайкон, фалахмон ва ғ.) дар давраи *палеолит* истифода мешуд. Дар охири ин давра найзаандоз, дар давраи *мезолит* тиру камон, дар давраи *неолит* гурз, ханҷар ва табари сангин пайдо шуд. Татбиқи металл (биринҷӣ, оҳан) боиси инкишофи пуравҷ ва тағйири куллии шаклу навъҳои А. гардид. Аввал аз биринҷӣ, дертар аз оҳан сохтани шамшер, табарзин, найза, шоф ва ғ. ривоҷ ёфт. Дар мамлакатҳои Шарқи Қадим, махсусан дар Юнону Рим мошинҳои зазнини сангу гулӯлаандоз васеъ татбиқ меёфтанд. Кашфи борут давраи нави такомули А.-ро ибтидо гузошт ва пайдоиши А.-и оташфишонро имконпазир гардонд. А.-и оташфишон (намунаи аввалини он мидфаъ) аввал дар Арабистон (а. 13), дертар (а. 14) дар Европаи Ғарбӣ ва Россия пайдо шуд. Тӯпҳои он давра аз лӯлаи оҳанини дарунсуфта иборат буда, гулӯлаҳои сангин мепарронданд. А.-и оташфишонро бо пилта ё милаи оҳанин тафсон оташ медоданд. А.-и оташфишони дастӣ ва *артиллерия* баробар инкишоф меёфт. Дар а. 15 А.-и оташфишони дастӣ — аркебуза, а. 16 туфанги такмильёфта — мушкет, инчунин таппонча пайдо шуд. Аз а. 17 А.-и оташфишони дастиро бо сарнайза меҷиҳозониданд. Нимаи дуюми а. 17 дар Россия ва Европаи Ғарбӣ тӯпҳои артиллерии нав (дохили милаш рахдор) ба вуҷуд омаданд, ки дур, саҳеҳ ва бо суръати баланд оташ мефишонданд. Аз нимаи дуюми а. 19 армия ва флот бо тӯпҳои милаш рахдор, инчунин бо панҷтираву карабин, *мина* ва *торпедаҳо* мусаллаҳ гардид. Ибтидои а. 19 дар армия ва флоти як қатор давлатҳо — Россия, Британияи Кабир, Франция ракетаҳои ҷангии боруттӣ (тимсоли ракетаҳои замонавӣ) пайдо шуд. Аммо онҳо ба сабаби камиқтидории худ васеъ татбиқ наёфтанд. Пайдоиши А.-и автоматӣ дар охири а. 19 (тӯпи автоматӣ, пулемёт ва ғ.) зинаи муҳими инкишофи А. буд, ки тараққии пуравҷи онро ихтиро борути бедуд имконпазир гардонд. Тӯпҳои минандоз *(миномёт)* аввалин бор аз тарафи армияи рус дар ҷанги русу япон истифода шуданд. Дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) васеъ истифода шудани танку самолёт боиси ривоҷ ёфтани А.-и онҳо гардид: танкҳо бо пулемётҳои калибрашон 7,62—7,9 мм ва тӯпҳои калибрашон 37—75 мм, самолётҳо бо пулемётҳои калибрашон 7,62—7,9 мм ва бомбаҳо мусаллаҳ шуданд. Барои муборизаи бо авиацияи душман А.-и зенитӣ ба вуҷуд омад, ки яке аз аввалин намунаҳои он тӯпи зенитии 76 мм нусхаи с. 1915 буд. Дар рафти ҷанги якуми ҷаҳонӣ қӯшунҳои Германия бори аввал А.-и химиявӣ ва *огнемёт*ро ба кор бурданд. Дар арафаи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) дар мамлакатҳои гуногун намунаҳои такмильёфтаи А.-и артиллерӣ: тӯпҳои танкзан, миномётҳо, туфанги танкзан, пулемётҳои гуногун, тӯпҳои худгард ва ғ. пайдо шуданд. Ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Армияи Сурх бори аввал (июли 1941) дастгоҳи реактивии «Катюша»-ро истифода бурд. С-ҳои 1943-44 Армияи Сурх бо дастгоҳҳои артиллерии худгарди калибрашон 76, 100, 122, 152 мм ва аввалин миномётҳои калонкалибри 160 мм мусаллаҳ гардид. Дар рафти ҷанг системаҳои реактивӣ дар армияи Германияи фа-

шистӣ ва армияи ШМА пайдо шуданд. С. 1944 фашистони немис самолёт-снарядҳои идорашавандаи «ФАУ-1» ва ракетаҳои баллистикии идорашавандаи «ФАУ-2»-ро ба кор бурданд. Авг. 1945 аз тарафи қуввахои мусаллаҳи ШМА намуди нави А.— яроқи ядрӣ истифода шуд. Ин навъи А. с. 1949 дар СССР, баъд дар Англия, Франция ва Хитой низ сохта шуд. Дар давраи баъдичангӣ дар СССР, ШМА, Англия ва диг. мамлакатҳо классҳои гуногуни ракетаҳо — ҳомилони асосии А.-и ядрӣ ба вуҷуд омад. Ракетаҳое, ки қисмҳои ҷангии ядрӣ доранд, А.-и ракетии ядрӣ ном гирифтаанд. А.-и ядрӣ дар ақоиди доир ба усул ва шаклҳои бурдани амалиёти ҳарбӣ ва умуман ҷанг, инчунин дар сохти ташкилии қуввахои мусаллаҳ дигаргунии куллӣ ба амал овард.

А.-и имрӯза ба навъҳои А.-и ядрӣ, химиявӣ, бактериологӣ, оташфишон (артиллерӣ), реактивӣ, ракетӣ, минаандоз, торпедаандоз ва А.-и сард тақсим мешавад. Аз ҷиҳати миқьёси таъсир А.-и ядрӣ, химиявӣ ва бактериологӣ ба А.-и қатли ом мансуб буда, намудҳои диг. онҳо А.-и муқаррарӣ мебошанд. А.-и артиллерӣ тӯпҳои гуногуннавъи хушкигард (калибрашон 57—203 мм), миномётҳои 60—240 мм, тӯпҳои зенитии автоматии хурдкалибр (20—57 мм), тӯпҳои авиационии автоматӣ (20—37 мм), артиллерияи киштӣ (40—203 мм эа зиёд), тӯпҳои танк (57—120 мм), инчунин системаҳои реактивии оташфишониашон шиллики (калибри гулӯлаҳои реактивӣ 80—240 мм)-ро дарбар мегирад. А. вобаста ба миқьёси истифода стратегӣ, оперативию тактикӣ ва тактикӣ мешавад. А.-ро ба навъҳои зерин низ ҷудо мекунанд: стационари (сокин), ки дар истиноди ноҷунбон шинонда шудааст (навъҳои ҷудогонаи комплексҳои ракетӣ, тӯпҳои артиллерияи сохилию каземати ва г.), стационарии бар асоси мутаҳаррик шинондашуда (А.-и самолёт, танк ва г.), худгард (тӯпҳои худгард, комплексҳои ракетии мутаҳаррик ва г), ядаки (тӯпҳои артиллерӣ, миномётҳо ва г.) ҳамлӣ (е кашондашаванда). Мувофики шумораи ҳайати ҷангӣ А.-и шахсӣ ва А.-и гурӯҳӣ мавҷуд аст. Таъсирбахшии А.-и замонавӣ ба дурии амал, сохаи зарбазанӣ, саҳеҳӣ ва тезпаррони, маневрнокӣ ва диг. хусусиятҳои ҷангию техникии он вобаста аст. Дар давраи баъдичангӣ навъҳои гуногуни лавозимоти ҷангӣ ихтироъ ёфтанд. Мас., қуввахои мусаллаҳи баъзе давлатҳо дар баробари ракетаҳои киҳмҳои ҷангиашон ядрӣ ба намудҳои диг. лавозимоти ядрӣ — бомбаҳои авиационӣ, торпедаҳо, фугасҳо, бомбаҳои умқӣ, гулӯлаҳои артиллерӣ мусаллаҳ мебошанд. Мувофики маълумоти матбуоти хориҷӣ баъзе мамлакатҳо кӯшиш доранд, ки А.-и лазерӣ ва воситаҳои кайҳонии қатли ом ба вуҷуд оваранд.

АСЛИҲАИ АВИАЦИОНӢ, воситаҳои зарба ва системаҳое, ки истифодаи ҷангии онҳоро таъмин мекунанд ва дар аппаратҳои париш (самолётҳо, вертолётҳо ва г.) шинонда мешаванд. Ба василаҳои авиационии зарба пулемёту тӯпҳои авиационӣ ва лавозимоти онҳо, ракетаҳои авиационии идорашавандаву идоранашаванда, бомба ва торпедаву минаҳои авиационӣ тааллуқ доранд. Системаҳое, ки истифодаи василаҳои зарбаро таъмин мекунанд дастгоху ҷиҳози барои ҷойгир кардани василаҳои зарба ва инчунин нишонгириву идораи оташ зарур бударо дарбар мегиранд. Маҷмӯи ҳамаи воситаҳоеро, ки ба мусаллаҳии аппарати париши муайян мансубанд, комплекси А. а. меноманд. А. а. вобаста ба принципи кор ва тарзи истифода ба чунин навъҳо ҷудо мешавад: ракетӣ, тӯпу пулемётӣ, бомбаандоз, минаву торпедӣ ва махсус (ядрӣ ва дар хорича бошад, инчунин химиявӣ).

Авиация дар ибтидои тараққиёти худ аслиҳаи махсус надошт ва ба сифати А. а. ҷанд навъи аслиҳаҳои оташфишони қӯшунҳои хушкигард истифода мешуд.

Нахустин намуди А. а. пулемёт буд, ки с. 1911 ба таври таҷриба дар самолёт шинонда шуд (қариб дар як вақт дар Россия ва Франция). Бомбаи авиационирo бори нахуст авиацияи Италия дар ҷанги Италияю Туркия с-ҳои 1911—12 истифода бурд. А. а. баъд аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ хеле тараққӣ карда, ҳоло ба дарачаи баланди техники расидааст.

Дар аввали ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аслиҳаи самолёти қиркунанда аз 2—3 пулемёт ва 1—2 тӯп, бомбаандози миёна аз 3—5 пулемёт ё аз 1 тӯпу то 4 пулемёт ва 500—2000 кг бомба, бомбаандози вазнин аз 4—6 пулемёт ё 1—2 тӯпу 4—5 пулемёт ва то 4000 кг бомба иборат буд. Дар рафти ҷанг ва сонитар калибри пулемётҳо 7,62—15 мм, тӯпҳо 20—45 мм ва калибри бомбаҳо 0,5 кг — 12 т буд.

Ракетаҳои авиационии гуногунвазифаи идорашавандаву идоранашаванда, ки ба зарбарасонии калон моликанд, асоситарин аслиҳаи самолётҳои замонавианд.

Самолётҳои киркунандаи с-ҳои 70-ум бо ракетаҳои идорашавандаи навъи «ҳавову ҳаво»-и намудҳои гуногун (массаашон аз 50 то 450 кг, дурпарвозиашон аз 5—7 то 100 км), бо ракетаҳои идоранашаванда (аз ҷумла бо заряди ядрӣ), бо тӯпҳои тезпаррон (адади тирпаррониашон то 6000 дар як дақиқа) мусаллаҳанд.

Аслиҳаи самолётҳои киркунанда— бомбаандоз ва самолётҳои бомбаандози тактикӣ бомбаҳои зарядашон ядрӣ ва муқаррарӣ (массаашон 3—5 т ва зиёда), навъҳои гуногуни ракетаҳои идорашаванда (массаашон то 1 т ва зиёда, дурпарвозиашон то 300 км), инчунин ракетаҳои идоранашаванда ва тӯпҳо мебошанд.

Самолётҳои бомбаандози стратегӣ бо ракетаҳои идорашавандаи навъи «ҳавову сатҳ» (дурпарвозиашон то 1000 км ва зиёда аз ин), аслиҳаи мудофиавӣ (то 4 тӯпи тезпаррон) мусаллаҳ мебошанд. Онҳо бомбаҳои ядрӣ ва муқаррариро низ гирифта метавонанд. Самолёт ва вертолётҳое, ки барои нобуд кардани киштиҳои зериобӣ таъин шудаанд, бо торпедаҳо, бомбаҳои умқӣ, ракетаҳои идорашавандаи «ҳавову сатҳ» мусаллаҳанд. Амалиёти А. а. ба дарачаи баланд автоматонида шудааст. А. а. бо роҳи фузун гардонидани дурпарвозӣ ва баланд кардани дарачаи дақиқтар ба ҳадаф расидани ракетаҳои идорашавандаи навъи «ҳавову сатҳ» такмил меёбад. *А. Хочиев.*

АСЛИҲАИ АВТОМАТӢ, аслиҳаи оташфишон, ки дар он тирпаррониӣ бо таъсири гази боруті ба таври автоматӣ такрор меёбад. Дар А. а. энергияи гази боруті, ки ҳангоми оташфиониӣ ба вуҷуд меояд, на танҳо барои ба ҳаракат овардани тир (гулӯла), балки барои аз нав тир пур кардани аслиҳа ва парронданi тири навбати низ истифода мешавад. Ба воситаи А. а. ҳам яктогӣ, ҳам бефосила тир холӣ кардан мумкин аст. Аслиҳае, ки дар он танҳо процесси тирчокуни автоматист, аслиҳаи нимавтомати ва аслиҳае, ки бефосила тир менарронад, А.-и автомати ном дорад. Хусусияти асосии А. а. ин аст, ки он бисьёр ва тез тир менарронад. Бинобар ҳамин тирборонро зичтар карда, ҳадафҳои мутаҳаррикро зуд маҳв кардан мумкин аст.

А. а. нимаи дуюми а. 19 пайдо шуд. С. 1863 конструктори америкӣ Р. Пилони милтиқи автомати сохт. Лоиҳаи аввалин туфанги автоматиро дар Россия Д. А. Рудницкий (1887) пешниҳод кард. Ибтидои с. 1900 дар армияи мамлакатҳои гуногун пулемёти Максим (Х. Максим, 1883, ШМА) маъмул гардид. Солҳои ҷанги якуми ҷаҳони дар армияи рус туфанги автоматии Н. Г. Фёдоровро ба кор мебурданд.

Баъди ҷанги якуми ҷаҳони техникаи аслиҳасозии хеле ривоҷ ёфт. В. А. Дегтярев, Ф. В. Токарев, Г. С. Шпагин, С. Г. Симонов, Б. Г. Шпитальный, П. М. Горюнов, А. И. Судаев ва диг. конструкторони боистеъдод навъҳои нави А. а.-е ба вуҷуд оварданд, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) бомуваффақият истифода шуданд. М. Г. Калашников, Е. Ф. Драгунов, Н. Ф. Макаров ва диг. конструкторони мусири А. а. мебошанд. А. а. вобаста ба вазифаҳои ҷангиаш ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: таппончаҳои автомати, автомат-

ҳо, туфангҳои автоматӣ (карабинҳо), туфангҳои нимавтоматӣ, пулемётҳои дастӣ, пулемётҳои станкавӣ, пулемётҳои калонкалибр, тӯпҳои автоматӣ. Сохти автоматикаи А. а. ба тарзи истифодаи энергияи газҳои борутӣ вобастааст. Кори автоматии А. а.-и муосир ба принципи ақибзании мил ё затвор ва ё газҳои борутиро ба камераи махсусе ҷудо карда истифода бурдани он асос ёфтааст. Ҳозир дар ҳама армияҳо асосан А. а.-ро истифода мебаранд. Тирпарронии тези А. а. боиси дарҳол гарм шудани мили он мегардад, аз ин рӯ, системаи хунук кардани мил аҳамияти калон дорад. Нусхаҳои аввалини пулемётҳои станкавиро бо об хунук мекарданд, ки истифодаи онҳоро дар шароити беобӣ душвор мегардонд. Мили А. а.-и замонавӣ бо ҳаво хунук мешавад.

Ад.: Горов Э. А., Гнатовский Н. И., Основания устройства автоматического оружия, Пенза, 1960.

АСЛИҲАИ РАКЕТӢ, системае, ки дар он воситаи зарба, бо ёрии ракетаҳои идорашаванда ё идоранашаванда ба нишон расонда мешавад. А. р. комплексе мебошад, ки ракетаи дорои заряди ядрой ё муқаррарӣ, дастгоҳи раҳоиш, воситаҳои ба нишон ҳидояткунанда, таҷҳизоти тафтишу раҳоиш, воситаҳои идораи парвози ракета, воситаҳои нақлиёт ва диг. таҷҳизоти зарурӣро дарбар мегирад. А. р. барои ба душман дар хушкӣ, баҳр ва ҳаво зарба расондан истифода мешавад. Дурпарвозӣ, суръати хеле калони парвози ракета, имконияти ба нишон бурда расондани заряди багоят пурқиҳдори моддаи тарканда, дақиқии ба нишонрасӣ, қобилияти баланди манёвр ҳангоми парвоз ва қариб зарбанорас будани ракетаҳо, дараҷаи баланди омодагии ҷангӣ хусусиятҳои асосии А. р. мебошанд.

Оддитарин А. р. аз а-ҳои 10—12 истифода мешавад (Хитой, Ҳиндустон). Дар Европа аввалин ракетаҳо а. 15 пайдо шуд. Дар Россия нахустин ракетаи ҷангӣ с. 1815 аз рӯи лоиҳаи генерал А. Д. Засядько сохта шуд. Ибтидои а. 20 олими рус К. Э. *Циолковский* асоси илмии назарияи ҳаракати реактивиро ба вучуд овард. Дар асоси тадқиқоти И. В. Мещерский (1897), К. Э. Циолковский (1903) ва комьёбиҳои минбаъдаи физика, химия ва механика техникаи ракетӣ с-ҳои 20—30 а. 20 босуръат инкишоф ёфт. С-ҳои 30 дар СССР ракетаҳо (снарядҳои реактивӣ) сохта шуданд, ки онҳоро с. 1939 авиацияи советӣ дар муҳорибаҳои назди д. Халхин-Гол истифода бурд. Ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) қисмҳои хушкигарди Армияи Сурх бо системаҳои реактивии БМ-13 («Катюша») мусаллаҳ гардиданд. Дертар Қувваҳои ҳарбии ҳавоии ШМА (1942), Англия (1942) ва Германия (1943) низ бо ракетаҳо мусаллаҳ шуданд. Солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) армияи фашистии Германия ракетаи баллистикии идорашаванда А-4 (ФАУ-2)-ро барои бомбаборон кардани Лондон, Антверпен, Брюссель ва Льеж истифода бурд. С-ҳои 50—60 қӯшунҳои СССР, ШМА, Британияи Кабир, Франция, баъдтар Хитой ба ракетаҳои таъиноташон гуногун соҳиб шуданд. Мамлакатҳои иштирокчии НАТО ва Шартномаи Варшава низ дорои А. р. мебошанд.

Вобаста ба ҷои старт ва мавқеи нишон ракетаҳо ба чунин классҳо ҷудо мешаванд: «Замину замин» (аз замин сӯи ҳадафҳои рӯизаминӣ ё рӯиобӣ парронда мешаванд), «Замину ҳаво» (аз замин ё сатҳи баҳр сӯи ҳадафҳои ҳавоӣ ва аз ҷумла қисмҳои ҷангии ракетаҳои баллистикии идорашаванда парронда мешаванд), «Ҳавову замин» (аз самолёт сӯи ҳадафҳои рӯизаминӣ ва рӯиобӣ парронда мешаванд), «Ҳавову ҳаво» (аз самолёт сӯи ҳадафҳои ҳавоӣ парронда мешаванд) мавҷуданд. Ракетаҳо зарядҳои ядрой ва инчунин зарядҳои муқаррариро низ бурда метавонанд. А. р. аз рӯи таъинот, класси ракетаҳо, иқтидори заряд ва иҷрои вазифа стратегӣ (барои зарба задан ба объектҳои муҳими стратегии душман — воситаҳои ҳуҷуми ядрой, марказҳои маъмурӣ-сиёсӣ ва саноати ҳарбӣ, гурӯҳҳои калони қӯшун ва г.), оперативӣ-тактикӣ (барои зарба задан ба аэродромҳо, воситаҳои ҳуҷуми ядрой, бандаргоҳҳои роҳи оҳан, марказҳои таъминот, захираҳои оперативӣ, тӯдаи қӯшунҳо ва диг. объектҳо) ва тактикӣ (барои зарба задан ба объектҳои воқеъ дар доираи амалиёти тактикӣ) мешавад. Дар Қуввоҳои Мусаллаҳи СССР бо А. р.-и стратегӣ қӯшунҳои Ракетии стратегӣ, Қуввоҳои Ҳарбии Ҳавоӣ ва Флоти Ҳарбии Баҳрӣ, бо А. р.-и оперативӣ-тактикӣ қӯшунҳои хушкигард, ҚҲҲ ва ФҲБ, бо А. р.-и тактикӣ навъҳои гуногуни қӯшуни мусаллаҳанд. Ракетаҳои зенитии идорашаванда яроқи асосии қӯшунҳои мудофиаи зидди ҳавоӣ буда, ҳамаи навъҳои қӯшун низ бо онҳо мусаллаҳанд.

Дар Қуввоҳои мусаллаҳи давлатҳои хорича А. р. бештар дар ШМА инкишоф ёфтааст. Дар ШМА А. р.-и стратегӣ аз ракетаҳои рӯизаминии байниқитъавӣ, ракетаҳои самолётҳои бомбаандозӣ стратегӣ, ракетаҳои киштиҳои зериобӣ, А. р.-и тактикӣ аз ракетаҳои идорашавандаи «Сержант», «Лапс» ва «Першинг», ки қисмҳои қӯшуни ракетии ҷудогона бо онҳо мусаллаҳанд, инчунин аз ракетаҳое, ки самолётҳои бомбаандоз ва киркунандаи авиацияи тактикӣ мусаллаҳанд ва г. таркиб ёфтааст.

АСЛИҲАИ РЕАКТИВӢ, аслиҳаҳое, ки заряди ҷангии онҳо ба ҳадаф ба воситаи кувваи каши муҳаррикҳои реактивӣ расонда мешавад. Ниг. низ *Аслиҳаи ракетӣ*.

АСОИ МӮСО (Abelia), авлоди бутта ё дарахтчаҳои хазонрез ё ҳамешасабз, мансуби *мушолиҳо*. Барги рӯ ба рӯи якдигар ҷойгирифтаи тухмшакл ё нештаршакл, гули сафед ё гулобии хушбӯй, зангӯлачашакл дорад. Зиёда аз 30 намуди А. М. маълум аст. Аксари онҳо дар ноҳияҳои Осиёи Ҷанубию Шарқӣ паҳн шуда, 2 намудаш дар Америкаи Марказӣ мерӯяд. Дар СССР 2 намуди худрӯяш дар Шарқи Дур (A. coreana) ва кӯҳҳои Тиёншон (A. corymbosa) вомехӯрад. Дар РСС Тоҷ. 4 намудаш (A. chinensis, A. umellata, A. zanderi, A. grandiflora), чун растании ороишӣ парвариш мешавад. Махсусан як намуди он (A. grandiflora) сергул ва даврои гулаш давомнок буда, барои кабудизор кардани шаҳру деҳот васеъ истифода мешавад. Зимистони қаҳратун А. М.-ро гоҳе хунук занад ҳам, боз бо тези сабзида, ҳамон сол (аз моҳи июнь то нояб.) гул мекунад.

Я. Г. Темберг.

АСО́С дар забоншиносӣ, қисми калима, ки маъноии муайяни лексикӣ дорад. А. ду хел мешавад: рехта ва сохта. А.-и рехта ба морфемаҳои алоҳида ҷудо намешавад (чашм, китф, қуфл). Ин тавр асосҳо бо реша баробаранд ва ба фонди асосии луғавии забон дохил мешаванд. А.-и сохта аз реша ва суффиксу префикс ташкил ёфта (панҷ + а, хирад + + манд, но + дон, ҳам + шир + а), ба таркиби луғавӣ дохил мешавад. Дар калимасозии исмҳои мураккаб А.-и рехта нисбат ба А.-и сохта серистеъмол аст (мактабхона).

Х. Ҳусейнов.

АСО́С, дар мантиқ, қисми таркибии муҳокимаи шартӣ. Дар он шароите инъикос мешавад, ки ҳаққонияти *натиҷа* ба он вобаста аст. Муҳокимаи соддаи баъди пайвандаки «агар» оғоз ёфтаро А. меноманд. Мас., дар муҳокимаи шартии «агар офтоб барояд, рӯз бувад», қисми аввал — А. ва қисми дуюм натиҷа аст. Агар А. ҳақ бошад,натиҷа ҳам ҳақ аст. Дурӯғии А. боиси дурӯғии натиҷа намешавад. Дар нутқи муқаррарӣ А. гуфта шароити ибтидоӣ, заминаи мавҷудияти ягон ҳодиса ё системаи ҳодисотро мефаҳманд.

М. Болтаев.

АСО́С дар химия, ниг. *Кислота ва асосҳо*.

АСО́СИ ИНШОО́Т, табақоти ҷинсҳои кӯҳӣ, ки бевосита бори иншоотро мебардоранд; таки таҳкурсии бино ва иншоот. Ду гурӯҳи А. и. маъмул аст: асосҳои сангин ва асосҳои хокӣ. Бори иншоот ба А. и. тавассути таҳкурсӣ таъсир мекунад (ниг. *Таҳкурсии бино ва иншоот*). Дар вақти сохтани иншоот ҳадди бардошти асос ва ҳадди деформацияи асосро ба назар гирифтан лозим аст. Интихоби дурусти паҳнои асос ва таҳкурсӣ дар баробари он ки ин-

шоотро устувор нигоҳ медорад, аҳамияти калони иқтисодӣ дорад. Аз ҳадди бардошти асос зиёд шудани вазни иншоот боиси гум шудани устуворӣ мегардад — дар натиҷа дар асос сатҳҳои лағзиш пайдо мешавад. Барои ин гуна сатҳҳо таносуби байни шиддати нормалӣ σ ва шиддати тангенсиалӣ τ, ки аз таъсири бори иншоот ва вазни хусусии хок (замин) пайдо мегарданд, бо формулаи Кулон: $\tau = \sigma tg\varphi + c$ (φ ва c — параметрҳои хок: кунҷи соиши дохилӣ ва қобилияти часпандагии хок мебошанд ва муқовимати онро ба шиддати тангенсиалӣ тавсиф медиҳанд) ифода мешавад.

Деформацияҳои якҷояи асосу иншоот ва қиматҳои ҳудудии онҳо чанд навъ аст: нишасти мутлақи таҳкурсӣ; нишасти мўътадили ҳуди иншоот; нишасти нобаробари таҳкурсиҳои ҳамсоя; моил шудани таҳкурсӣ ё тамоми иншоот; фурӯ ҳамидани ягон қисми иншоот; лағзиши уфуқии таҳкурсӣ ё тамоми иншоот.

Иншооти граждани ва саноатиро одатан дар асосҳои хокӣ месозанд. Қишрҳои сангин чун асос бештар дар сохтмони иншооти нақлиётӣ ва гидротехникӣ истифода мешаванд. Дар шароити инженерӣ-геологии Тоҷикистон ба сифати асоси бинову иншоот аксар хокҳои суст (лёссҳо)-ро истифода бурдан лозим меояд. Иншооти дар ин гуна асос сохташуда нобаробар мешинад. Бинобар ин, пеш аз сохтмон заминро хуб шибба мекунанд ё усулҳои гуногуни мустаҳкамкуниро ба кор мебаранд.

И. Г. Тоҳиров.

АСОСИ КОФӢ, яке аз қонунҳои мантиқи шаклӣ, ки мувофиқи он ҳар як фикри ҳақиқӣ бояд бо диг. фикрҳое, ки ҳақиқи будаанашон исбот шудааст, асоснок карда шавад. Қонуни А. к.-ро файласуф ва олими немис Г. В. *Лейбниц* (1646—1716) кашф кардааст. «Ҳеч як тасдиқот бе асоси кофӣ ҳаққонӣ ҳисоб намешавад» (Изб. соч., М., 1908, с. 347). Қонуни А. к. талаб дорад, ки фикрҳои мо дар ҳар як муҳокима бояд узвҳо бо якдигар алоқаманд бошанд, яке сабаб ва дигаре бошад, яке дигареро асоснок кунад. Қонуни А. к. робитаи асосу натичаро ифода мекунад. Агар аз ҳак будани фикри А ҳак будани фикри В барояд, пас фикри А барои фикри В асос ҳисоб шуда, фикри В натичаи асос мешавад. Дар илми мантиқ алокаи муҳокимаҳое, ки яке асос ва дигаре натича мебошад, бо ёрии формулаи шартии А⟶В ишора мешавад. Дар ин ҷо «А» асос ва «В» натичаи мантиқи буда, онро ба воситаи пайвандаки «агар» ..., «пас», ки бо аломаты «⟶» ишора мешавад, алоқаманд карда шудаанд. Қонуни А. к. бар зидди ҳар навъ гуфтору акидаҳои беасос нигаронида шуда, асоснок кардани фикру мулоҳизаро талаб мекунад.

М. Болтаев.

«АСОС-УЛ-ИҚТИБОС» اساس الاقتباس асари Насируддини Тӯсист дар илми мантиқ, ки с. 1245 ба забони форсии дарӣ таълиф гардидааст. «А.» аз 9 мақола иборат буда, тамоми қисмҳои мантиқи анъанавӣ (шаклӣ)-ро фаро мегирад. Мувофиқи он «илми мантиқ шинохтани маъниҳоест, ки аз он маъонӣ расидан ба анвои улуми муктасаб мумкин бошад» (саҳ. 5). Бинобар ин муаллиф пеш аз ҳама ба таҳлили моҳияти мафҳум (лафз) пардохта (мақолаи якум), исбот мекунад, ки лафз аломатест, барои ифодаи маънӣ. Вале ин ақидаи ӯ аз конвенсиализм дур аст, зеро лафзҳо бо ёрии маънӣ ба ашьёву ҳодисаҳо далолат карда, инъикоси айнӣ ё ҳаёлии онҳо мебошанд. Аз ин ҷиҳат таълимоти Тӯсӣ дар бораи мафҳум ва мақулоти ашара — категорияҳои даҳгона (мақолаи дуюм) ҷанбаи материалистӣ дорад ва тамоюли материалистии мантиқи ӯро муайян мекунад. Дар назариёти Тӯсӣ доир ба қазия (ҳукм) ва қиёс — силлогизм (мақолаҳои сеюму чорум) усули ифодаи шаклии ҳодисаҳои мантиқӣ беш аз пеш такмил ёфта ва тарзи ифодаи риёзии (математикии) онҳо пешниҳод шудааст: «касоперо, ки бо риёзӣ илфе бувад, бо ин баён осонтар тасаввур кунанд» (саҳ. 196). Дар «А.» масъалаҳои моҳияти бурҳон, хелҳои он, шароити муқаддимоти он, таносуби вай бо ҳад, расм, мисол, истиқроъ ва қиёс барин санъатҳои мантиқӣ (мақолаи панҷум) муфассал баён шудааст. Тӯсӣ ҷадал — диалектика ва суфистиқо — софистикаро (мақолаи шашуму ҳафтум) низ аз санъатҳои мантиқӣ медонад. Вале, агар ҷадал санъати бо роҳи муколима ва мубоҳиса ба даст овардани ҳақиқат бошад, суфистиқо санъати қасдан ба кор бурдани хилаҳои мантиқиест, ки ҳақро ботил, ботилро ҳақ нишон медиҳад. Ҷадал санъати ҳакикии мантиқи, суфистиқо санъати гумонӣ ва хаёлист. Донистани ҷадал барои кашфи ҳақиқат, донистани суфистиқо барои аз хатоҳои мантиқӣ барҳазар будан ва фош кардани хилаҳои мантикии суфистоиён заруру аст. Тӯсӣ аз рӯи анъана хитоба ва шеърро (мақолаи ҳаштуму нӯҳум) аз фаслҳои мантиқ медонад, вале онҳо аслан мавзӯъҳои мантиқӣ нестанд. Дар «А.» як қатор масъалаҳои муҳимми назарияи дониш низ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд: моҳияти дониши ҳиссию аклӣ, иктибосию ғайрииктибоси, ҳакикат ва хелҳои он аз ҳамин қабиланд. Дар натичаи таҳлили ин масъалаҳо вай ба чунин хулосаи муҳимми диалектикӣ омадааст: «маърифати чизҳо амре нест, ки хусули он дафъатан вохида бошад, бал онро маротиб аст дар қуввати заъф ва вузӯҳу хуфо ва хусусу умум ва камолу нуқсон» (саҳ. 411). «А» дар такомули забони тоҷикӣ, алалхусус истилоҳоти фалсафию мантиқӣ роли муҳим бозида аст. «А.»-ро Рукнуддин Муҳаммад ибни Алии Астарободӣ (а. 14) ба арабӣ тарҷума кардааст. Бо унвони «Асос-ул-иқтибос» ду асари дигар (яке аз Ихтиёруддин ибни Саидғиёсуддини Ҳусайнӣ, ки маҷмӯаест мунтахаб аз Қуръон, ҳадис ва назму насри арабӣ ва с. 1907 дар Қоҳира ба табъ расидааст, диг. аз Мирзо Зоҳид ва Ҳайдари Қазвинӣ дар аҳволи шоҳ Аббоси Сонии Сафавӣ) низ мавҷуд аст, ки набояд бо «А.»-и Тӯсӣ як донист.

Нашр: اساس الاقتباس، تهران، ۱۳۲۵ ه. ش.

Ад.: Диноршоев М., Философия Насируддина Туси, Д., 1968.

М. Диноршоев.

АСОСҲОИ МУРОФИАИ СУДИИ ГРАЖДАНИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ, қонуни умуми-иттифоқӣ буда, тартиби дида баромадани корҳоро аз рӯи баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии граждани, оилавӣ, меҳнатӣ ва колхозӣ ба вуҷуд меоянд, корҳое, ки аз муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд ва тартиби дида баромадани корҳои муроҷиаи маҳсусро муқаррар мекунад. Асосҳои зикршударо 8 дек. 1961 Совети Олии СССР қабул кард ва аз 1 мае 1962 ба амал ҷорӣ гардиданд. Бо мақсади муҳофизати сохти ҷамъиятӣ ва давлатии СССР, системаи хоҷагии социалистӣ ва моликияти социалистӣ, муҳофизати ҳуқуқҳои сиёсӣ, меҳнатӣ, манзилӣ ва диг. ҳуқуқҳои шахсӣ ва молу мулкӣ ва манфиатҳои бо қонун муҳофизат кардашавандаи гражданиҳо, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун муҳофизат кардашавандаи муассисаҳо, корхонаҳои давлатӣ, к-зҳо ва диг. ташкилотҳои кооперативӣ ва ҷамъияти, дуруст ва зуд дида баромадан ва ҳал кардани корҳои граждани вазифаи муроҷиаи суди граждании советӣ мебошад (мод. 2). А. аз 6 фасл иборатанд: фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ; фасли 2—Шаҳсони иштирокчии кор, ҳуқуқу вазифаҳои онҳо; фасли 3—Муроҷиаи корҳо дар суди инстанцияи якум; фасли 4—Дидани корҳо дар инстанцияи кассационӣ ва назорати; фасли 5—Иҷрои қарорҳои суд; фасли 6—Ҳуқуқҳои процессуалии граждании гражданиҳои мамлакатҳои хориҷӣ ва шаҳсони бетабаа, даъво ба давлатҳои хориҷӣ, супориш-ҳо ва ҳалномаҳои судҳои мамлакатҳои хориҷӣ, шартнома ва созишномаҳои байналхалқиро дарбар мегирад. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. (28 дек. 1963) Кодекси процессуалии граждании РСС Тоҷ.-ро тасдиқ кард, ки он аз 1 янв. 1965 ба амал ҷорӣ гардид.

И. Ҳусайнбуллоев.

АСОСҲОИ МУРОФИАИ СУДИИ ЧИНОЯТӢИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ, *қонуни умуми-иттифоқӣ, ки барои ҳамаи республикаҳои иттифоқӣ тартиби ягонаи ба суд додани, тафтишу пешакӣ ва дар*

суд дида баромадани корҳои ҷиноятиро муқаррар менамояд. А.-ро 25 дек. с. 1958 Совети Олии СССР қабул кардааст. А. аз 6 фасл иборатанд. Фасли 1 — ба масъалаҳои умумии мурофиаи судии ҷиноятии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ, вазифа ва принципҳои демократии мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар фасли 2 — иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (айбдоршаванда, ҳимоякунанда, ҷабрдида, даъвогар, ҷавобгар) зикр шуда, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо муайян карда шудааст. Дар фасли 3—тартиби масъалаҳои оид ба таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ баён карда шудааст. Дар фасли 4—тартиби ба суд додан, шартҳои умумии мурофиаи судӣ ва ҳудудҳои он муайян карда шуда, моҳият ва мазмуни ҳукмнома акс ёфтааст. Фасли 5 — масъалаҳои асосии коргузории кассационӣ ва назорати судиро дарбар мегирад. Фасли 6—ба масъалаҳои иҷрои ҳукм бахшида шудааст. Мувофиқи А. 17 авг. 1961 Совети Олии РСС Тоҷ. Кодекси мурофиавии ҷиноятии РСС Тоҷ.-ро тасдиқ кард, ки 1 дек. худи ҳамон сол ба амал ҷорӣ гардид. *М. Миллоев.*

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ, қонуни умумииттифоқии граждани, ки принципҳои муҳимтарини ба тартиб даровардани муносибатҳои молумулкӣ, дар сохтмони коммунистӣ истифода бурдани шаклҳои молию пулӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба муносибатҳои молумулкӣ вобаста бударо муқаррар мекунанд. Асосҳои мазкурро Совети Олии СССР 8 дек. 1961 қабул кард, ки аз 1 мои 1962 амалӣ гардиданд. А. базаи махсуси юридикии кодексҳои граждании республикаҳои иттифоқӣ, қонун ва қарорҳои ҷории гражданианд. А. аз муқаддима, 8 фасл ва 129 модда иборат аст. Дар муқаддима вазифаҳои давраи ҳозира, тараққиёти бомуваффақияти иқтисодиёт ва зарурати дар сохтмони коммунизм истифода бурдани муносибатҳои молию пулӣ; дар фасли 1 — Вазифаҳои қонуни граждани, доираи муносибатҳое, ки ин қонун ба тартиб медарорад (муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсии байни объектҳои ҳуқуқи граждани), салоҳиятдории СССР ва республикаҳои иттифоқӣ дар ин соҳа, сабабҳои пайдоиши ҳуқуқ ва ӯҳдадории граждани, ҷорӣ ва муҳофизат намудани ҳуқуқи граждани ва г. (мод. 1—18) зикр ёфтааст. Фасли 2— Ҳуқуқи моликиятдорӣ (мод. 19—32), фасли 3 — Ҳуқуқи ӯҳдадорӣ (мод. 33—95), фасли 4 — Ҳуқуқи муаллифӣ (мод. 96—106), фасли 5 — Ҳуқуқи кашф (мод. 107—109), фасли 6 — Ҳуқуқи ихтироъкорӣ (мод. 110—116), фасли 7 — Ҳуқуқи мерос (мод. 117—121) ва фасли 8 — Ҳуқуқдории одамони хорҷӣ ва шахсони бетабаа, татбиқи қонунҳои граждании давлатҳои хорҷӣ, шартнома ва созишномаҳои байналхалқиро (мод. 122 — 129) дарбар мегиранд. Мувофиқи А. 28 дек. 1963 Совети Олии РСС Тоҷ. Кодекси граждании РСС Тоҷ.-ро қабул кард, ки он аз 1 янв. 1965 ба амал ҷорӣ гардид.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ, актҳои қонунгузорие, ки аз тарафи органҳои олии ҳокимияти давлатӣ қабул карда шуда, ибтидои асоси қонунгузории умумииттифоқӣ ва республикавиро дар ин ва ё он соҳаи батартибандозии муносибатҳои ҷамъиятӣ муқаррар мекунанд. Конституцияи СССР (1924) ба мақсади ба вуҷуд овардани қонунияти ягонаи социалистӣ, муқаррар намудани Асосҳои умумииттифоқӣ як қатор соҳаҳои қонунгузориро ба салоҳияти органҳои қонунгузории СССР вогузор намуда буд. Окт. 1924 сессияи дуюми КИМ СССР даъвати 2 Асосҳои сохти судии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ, Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ, Асосҳои қонунгузории ҷиноятии СССР ва республикаҳои иттифоқиро қабул кард. Мувофиқи ин Асосҳо республикаҳои иттифоқӣ кодексҳои нави ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунҳои сохти судро қабул намуда ва кодексҳои ҷориро аз нав дида баромаданд. С. 1958 Совети Олии СССР Асосҳои қонунгузории сохти судии СССР, республикаҳои иттифоқӣ ва автономӣ, Асосҳои қонунгузории ҷиноятии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ, Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ ва дар с. 1961 Асосҳои қонунгузории граждании СССР ва республикаҳои иттифоқӣ ва Асосҳои мурофиаи судии граждании СССР ва республикаҳои иттифоқиро тасдиқ намуд. Мувофиқи ин Асосҳо с-ҳои 1959—64 дар республикаҳои иттифоқӣ қонунҳо оид ба сохти суд, кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ, граждани ва мурофиавӣ-граждани, низомнома дар бораи адвокатура ва диг. қонунҳо қабул карда шудаанд. А. манбаи асосии қонунгузории умумииттифоқӣ ва республикавӣ буда, принципҳо ва мафҳумҳои асосии соҳаҳои дахлдори ҳуқуқро, ки дар миқьёси умумииттифоқ барои тамоми республикаҳои иттифоқӣ баробар ва ҳатмианд. муқаррар мекунад. *С. Р. Рачабов.*

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ЗАМИН, қонуни умумииттифоқӣ, ки 13 дек. 1968 Совети Олии СССР қабул карда, аз 1 июли 1969 ба амал ҷорӣ гардид. А. аз 11 фаслу 50 модда иборат мебошад. Дар фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ қайд шудааст. Моликияти давлат будани замин, ки дар натиҷаи милликунонӣ ба амал омадааст, асоси муносибатҳои аграриро ташкил медиҳад. Замин боигарии муҳимтарини ҷамъияти советӣ — воситаи асосии истеҳсолоти соҳаи хоҷагии қишлоқ буда, барои ҷойгир кардан ва ривоҷ додани ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ база мебошад. Истифодаи оқилона ва фароҳам овардани шароити ҳосилнокии замин, ба тартиб андохтани муносибатҳои вобаста ба он, муҳофизати ҳуқуқҳои ташкилоти социалистӣ ва гражданҳо, мустаҳкам кардани қонунияти социалистӣ дар соҳаи муносибатҳои оид ба замин вазифаи қонунгузории советиро ташкил медиҳад. Фасли 2— Заминҳои таъиноти хоҷагии халқ; фасли 3 — Заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, посёлкаҳои типи шаҳрӣ ва маҳалҳои аҳолинишини қишлоққой); фасли 4 —Заминҳои саноат, нақлиёт, курортҳо, заповедникҳо ва диг. хел корхонаю ташкилотҳои ғайри хоҷагии қишлоқ; фасли 5 — Заминҳои фонди давлатии беша; фасли 6 — Заминҳои фонди давлатии об; фасли 7 — Заминҳои захираи давлатӣ; фасли 8 — Кадастри давлатии замин; фасли 9 — Заминсозии давлатӣ; фасли 10 — Ҳал кардани баҳсҳои оид ба замин; фасли 11 — Ҷавобгариро дар вайрон кардани қонунгузории оид ба замин дарбар мегирад. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. 17 дек. 1970 Кодекси РСС Тоҷ.-ро оид ба замин тасдиқ кард, ки аз 1 июли 1971 амалӣ гардид. *А. Тӯлабоев.*

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ИСЛОҲИ МЕҲНАТӢ, қонуни умумииттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 11 июли 1969 қабул кард ва он 1 нояб. 1969 ба амал ҷорӣ гардид. А. принципҳо ва қоидаҳои умумии иҷро ва адои ҷазои барои ҷиноят таъин кардаи судро муайян ва муқаррар мекунад. Мақсади ҷазодиҳӣ барои ҷиноят — дар рӯҳи муносибатҳои софдилона ба меҳнат, иҷрои аниқи қонунҳо ва ҳурмати қоидаҳои умумии ҳаёти социалистӣ тарбия кардани маҳкумон; пешгирӣ намудани онҳо ва шахсони дигар аз содир кардани ҷиноятҳои нав; решакан кардани ҷиноятқорӣ мебошад. Иҷрои ҷазо маъной озори ҷисмонӣ ё паст намудани қадру қимати одамро надорад. А. аз 5 фаслу 49 модда иборатанд. Фасли 1 — Қонунгузории ислоҳи меҳнатии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ (мод. 1—4), фасли 2 — Қоидаҳои умумии иҷро кардани ҷазоҳои маҳрумӣ аз озодӣ, бадарга ба ҷои муайян, бадарга аз ҷои муайян ва корҳои ислоҳкунӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ (мод. 5—10), фасли 3 — Тартиб ва шартҳои иҷро кардани ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ (мод. 11—39), фасли 4 — Тартиб ва шартҳои иҷро кардани ҷазо дар шакли бадарга ба ҷои муайян, бадарга аз ҷои муайян ва иҷрои корҳои ислоҳкунӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ (мод. 40—45), фасли 5 — Асосҳои озод кар-

дан аз адои ҷазо; ёрӣ ба маҳкумони озодгашта; мушоҳида ва назорати онҳо (мод. 46—49). Мувофиқи ин. А. Совети Олии РСС Тоҷ. 26 июни 1970 Кодекси ислоҳи меҳнатии РСС Тоҷ.-ро тасдиқ кард, ки он 1 янв. 1971 ба амал ҷорӣ гардид.

Ад.: Основы законодательства Союза ССР и союзных республик, М., 1971.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА МАОРИФИ ХАЛҚ, қонуни умумииттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 19 июли 1973 қабул кард ва он 1 янв. 1974 ба амал ҷорӣ шуд. Дар А. вазифаи қонунгузории СССР ва республикаҳои иттифоқӣ оид ба маорифи халқ таҷассум ёфтааст. А. аз 14 фаслу 65 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод. 1—12), фасли 2 — Тарбияи томактабӣ (мод. 13—16), фасли 3 — Маълумоти миёна (мод. 17), фасли 4 — Маълумоти умумии миёна (мод. 18—28), фасли 5 — Тарбияи берун аз мактаб (мод. 29), фасли 6 — Маълумоти касбию техники (мод. 30—34), фасли 7 — Маълумоти миёнаи махсус (мод. 35—39), фасли 8 — Маълумоти олӣ (мод. 40—45), фасли 9 — Ҳуқуқу вазифаҳои талабагону студентон (мод. 46—47), фасли 10 — Тайёр кардани кадрҳои педагоги. Фаъолияти педагогӣ. Ҳуқуқу вазифаҳои касбии коркунони маорифи халқ (мод. 45—55), фасли 11 — Ҳуқуқу вазифаҳои падару модарон ва шахсоне, ки дар таълиму тарбияи бачагон онҳоро иваз мекунанд (мод. 56—58), фасли 12 — Базаи таълимию моддии муассисаҳои маорифи халқ (мод. 59—62), фасли 13 — Масъулият барои вайрон кардани қонун оид ба маорифи халқ (мод. 63), фасли 14 — Ҳуқуқи гражданинҳои хориҷӣ ва шахсони бетабаа барои дар СССР гирифтани маълумот, шартномаю созишномаҳои байналхалқи (мод. 64—65). А. ба такмили маорифи халқ, минбаъд ҳам мустаҳкам намудани конунияти социалисти дар ин соҳа нигаронида шудаанд.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА МЕҲНАТ, конуни умумииттифоқи, ки онро 15 июли 1970 Совети Олии СССР қабул кардааст. А. аз 1 янв. 1971 ба амал ҷорӣ гардидаанд. А. аз 107 модда, мукаддима ва 15 боб иборатанд. Дар боби 1 — Қоидаҳои умумии вазифаҳои қонунгузории совети оид ба меҳнат, ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии меҳнатии коргарон ва хизматчиён, ба тартиб дар-вардани меҳнати аъзоёни ҷамъ ва дигг масъалаҳои умумӣ муқаррар шудааст. Дар боби 2 — Шартномаи коллективӣ, дар боби 3 — Шартномаи меҳнати — қоидаҳо ва тартиботи бастани шартномаҳои коллективӣ ва шартномаи меҳнати алоҳидаи шудааст. Боби 4 — Масъалаҳои вақти кор ва истироҳати коргарон ва хизматчиён, боби 5 — Масъалаҳои музди кор, гарантия ва компенсацияҳо, боби 6 — Қоидаҳои интизоми меҳнат, тартиб ва принципҳои додани ҳаққи меҳнатро дарбар мегирад. Боби 7 — Муҳофизати меҳнат, боби 8 — Меҳнати занон, боби 9 — Меҳнати ҷавонон, боби 10 — Имтиёзҳо барои коргарон ва хизматчиёне, ки дар баробари кор таҳсил мекунанд, боби 11 — Баҳсҳои меҳнатӣ, боби 12 — Иттифоқҳои касаба, иштироки коргарон ва хизматчиён дар идоракунии истеҳсолот, боби 13 — Суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, боби 14 — Назорат ба риоя шудани қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва боби 15 — Қоидаҳои хотимавӣ — нормаҳои ҳуқуқи меҳнатро, ки дар мамлакати Совети бо Конституцияи СССР асоснок гардидааст, дарбар мегирад. Совети Олии РСС Тоҷ. дар асоси онҳо 16 июли 1972 Кодекси қонунҳои РСС Тоҷ.-ро оид ба меҳнат қабул кард, ки он аз 1 янв. 1973 ба амал ҷорӣ шуд. *М. Рачаббеков*

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА НИКОҲ ВА ОИЛА, қонуни умумииттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 27 июни 1968 қабул кардааст. А. аз 1 окт. 1968 амалӣ гардиданд. А. аз муқаддима, панҷ фасл ва 36 модда иборатанд. Дар муқаддима дар бораи ҳамкории КПСС ва Давлати Советӣ дар ҳаққи оила, тарбияи коммунистии насли наврас ва саодати модарӣ сухан меравад. Дар фасли 1 — вазифаҳои қонуни советӣ оид ба никоҳ ва оила (шартҳои аҳди никоҳ, муносибатҳои шахсӣ ва молумулкии муштараки аъзоёни оила, муносибатҳое, ки дар натиҷаи ба фарзандӣ қабул кардан, васоят, парастори ва ба тарбият гирифтани кӯдак ба вуҷуд меояд), тартибу шартҳои қатъ гардидани никоҳ, тартиби қайди актҳои холати граждани, баробарҳуқуқии зану мард дар муносибатҳои оилавӣ ва г. баён ёфтааст. Фаслҳои диг. А. масъалаҳои мухталифи никоҳ ва оила, актҳои холати граждани ва татбиқи қонуни советӣ оид ба никоҳ ва оила дар ҳаққи хориҷиён ва шахсони бетабаа, татбиқи конунҳои давлатҳои хориҷиро оид ба никоҳ ва оила дарбар мегирад. А. барои аз гарантҳои модди катъиян тоза намудани муносибатҳои оилавӣ, бартараф намудани бақимондаҳои нобаробарии занон дар оила ва барпо намудани оилаи коммунисти ери мерасонад. *О. Усмонов*

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ОБ, конуни умумииттифоқи, ки Совети Олии СССР 10 дек. 1970 қабул кард ва он 1 сент. 1971 ба амал ҷорӣ гардид. Дар А. вазифаи қонунгузории совети оид ба об, таъмини истифодаи самарабахши об, ҳифзи он аз чирки, олуда ва исрофшавӣ, ба тартиб андохтани муносибатҳои оид ба об, муҳофизати ҳуқуқи корхона, ташкилот, муассиса ва гражданҳо, таъмини қонуният дар соҳаи муносибатҳо оид ба об) баён шудааст. А. аз 5 фасл, 46 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод.1—11), фасли 2 — Истифодаи об (мод. 12—36), фасли 3 — Муҳофизати об ва пешгирии таъсири зararноки он (мод. 37—45), фасли 4 — Баҳисобгирӣ ва баплангирии истифодаи об (мод. 41—45), фасли 5 — Ҷавобгарирo барои вайрон кардани қонунҳои оид ба об (мод. 46) дарбар мегирад.

Мувофиқи ин А. Совети Олии РСС Тоҷ. 6 июни 1973 Кодекси РСС Тоҷ.-ро оид ба об тасдиқ кард, ки он аз 1 янв. 1974 ба амал ҷорӣ шуд.

Ад.: Основы законодательства Союза ССР и союзных республик, М., 1971, стр. 36—59.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ, қонуни умумииттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 9 июли 1975 қабул кард, аз 1 янв. 1976 ба амал ҷорӣ шуд. Дар моддаи 1-уми А. вазифаҳои қонунгузории советӣ дар бораи сарватҳои зеризаминӣ баён шудааст.

А. аз 11 фасл ва 51 модда иборатанд: фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ; фасли 2 — Омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ; фасли 3 — Ба лоиҳа гирифтан, сохтан ва ба истифода додани корхонаҳои маъданҳосилкунанда, инчунин иншоотҳои зеризаминие, ки бо истихрочи сарватҳои зеризаминӣ алоқа надоранд; фасли 4 — Истифодаи зери замин барои ҳосил кардани сарватҳои зеризаминӣ ва мақсадҳое, ки бо истихрочи сарватҳои зеризаминӣ алоқа надоранд; фасли 5 — Бехатарии корҳое, ки бо истифодаи сарватҳои зеризаминӣ алоқаманданд; фасли 6 — Муҳофизати сарватҳои зери замин; фасли 7 — Баҳисобгирии давлатии захираю конҳои сарватҳои зеризаминӣ, инчунин участкаҳои зеризаминӣ, ки ба истифода дода шудаанд ва ба истихрочи сарватҳои зеризаминӣ алоқаманд нестанд; фасли 8 — Назорати истифода ва муҳофизати сарватҳои зеризаминӣ ва бурдани корҳои омӯзиши геологии зеризаминӣ; фасли 9 — Ҳалли баҳсҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; фасли 10 — Ҷавобгарии барои вайрон кардани конунҳо дар бораи сарватҳои зеризаминӣ; фасли 11 — Шартномаҳо ва созишномаҳои байналхалқи. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. аз 26 нояб. 1976 Кодекси оид ба сарватҳои зеризаминии республикаро қабул кард, ки 1 июли 1977 ба амал ҷорӣ гардид.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ТАНДУРУСТӢ, конуни умумииттифоқи, ки Совети Олии СССР 19 дек. 1969 қабул кард ва он 1 июли 1970 ба амал ҷорӣ гардид. Дар А. вазифаҳои конуни советӣ оид ба тандурусти баён шудаанд.

А. аз 9 фасл, 55 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод. 1—11); фасли 2 — Фаъолияти духтурӣ ва фармацевтӣ (мод. 12—17); фасли 3— Таъмини некӯаҳволии санитарию эпидемии аҳолӣ (мод. 18—31); фасли 4 — Ёрии муолиҷавӣ ва профилактикӣ ба аҳолӣ (мод. 32—37); фасли 5 — Муҳофизати модар ва кӯдак (мод. 38—43); фасли 6 — Муолиҷаи санаторӣ—курортӣ, ташкили истироҳат, туризм ва тарбияи ҷисмонӣ (мод. 44—49); фасли 7 — Экспертизаи тиббӣ (мод. 50—51); фасли 8 — Таъмин бо дору ва протезкунӣ (мод. 52—54); фасли 9 — Шартнома ва аҳдномаҳои байналхалқӣ (мод. 55). Қонуни советӣ оид ба тандурустӣ барои хизмати фаъолонаи тиббӣ, минбаъд беҳтар кардани муҳофизати саломатии аҳолӣ ва мустаҳкам намудани қонуни ин соҳа нигаронида шудааст.

Ад.: Основы законодательства Союза ССР и союзных республик, М., 1971, стр. 61—88.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ҶАНГАЛ, қонуни умумиттифоқӣ, ки муносибатҳоро оид ба ҷангал бо мақсади таъмини истифодаи босамари ҷангалзор ба тартиб медарорад. Бори пахуст 14 мае 1918 Декрети Комитети Иҷроияи Марказии умумироссия «Дар бораи ҷангалзор» принципҳои асосии ташкили социалистии хоҷагии ҷангалпарвариро бо мақсади истифода бурдани ҷангалзор ба манфиати тамоми халқ муайян кард. А.-ро Совети Олии СССР 17 июни с. 1977 тасдиқ кард, ки аз 1 янв. 1978 ба амал ҷорӣ гардидаанд. А. аз муқаддима, 7 фасл 51 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод. 1—19), вазифаҳои қонунгузории советиро оид ба ҷангал дарбар мегирад. Вазифаҳои қонунгузории советӣ доир ба ҷангал масъалаҳои зеринро пешбинӣ менамоянд: бо мақсади таъмини истифодаи оқилонаи ҷангалзор ба тартиб даровардани муносибатҳои оид ба ҷангал, нигаҳбонӣ ва муҳофизати он, аз нав ба вуҷуд овардани ҷангалзор ва афзун гардондани маҳсули он барои қонеъ гардондани талаботи хоҷагии халқ ва аҳолӣ аз чӯбу тахта ва диг. маҳсулоти ҷангал, пурзӯр кардани хосиятҳои обнигоҳдорӣ, муҳофизат ва батартибандозии иқлим, хосиятҳои санитарию гигиенӣ, тандурустӣ ва дигар хосиятҳои муфиди табиии ҷангалзор, инчунин муҳофизати ҳуқуқи корхона, ташкилот, муассиса ва гражданинҳо, мустаҳкам намудани қонуният дар соҳаи муносибатҳои оид ба ҷангал (мод. 1). Мувофиқи Конституцияи СССР ҷангал дар СССР моликияти давлатӣ, яъне сарвати умумихалқӣ мебошад. Дар СССР тамоми ҷангалҳо фонди ягонаи давлатии ҷангал мебошанд. Фонди ягонаи давлатии ҷангал аз инҳо иборатанд: 1) ҷангали дорои аҳамияти давлатӣ, яъне ҷангали дар ихтиёри органҳои давлатии хоҷагии ҷангал буда, ҷангали шаҳрӣ, ҷангалҳои вобаста кардашуда ва ҷангалҳои кӯруҳҳо; 2) ҷангали колхозҳо, яъне ҷангале, ки дар замини колхоз воқеъ аст (мод. 4). Ба фонди давлатии ҷангал инҳо дохил мешаванд: дарахтҳо ва гурӯҳи дарахтҳо, инчунин ниҳолҳои дарахту буттаҳои заминҳои хоҷагии қишлоқ; дарахту буттаҳои муҳофизатӣ дар минтақаҳои қад-қади роҳҳои оҳан, автомобильгард ва каналҳо; дарахтҳо ва гурӯҳи дарахтҳо, инчунин кабудизори шаҳрҳо ва диг. пунктҳои аҳолинишин, ки дар замини берун аз ҷангалзори шаҳрҳо меруёнд; дарахтҳо ва гурӯҳи дарахтҳо дар участкаҳои назди ҳавлиҳо, дачаҳо ва боғҳо (мод. 5.).

Фасли 2 — истифодаи ҷангалро (мод. 20—43) дарбар мегирад. Корхона, ташкилот ва муассисаҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин гражданинҳои СССР ҷангалро истифода бурда метавонанд (мод. 20); фасли 3 — Аз нав барпо намудан ва зиёд кардани маҳсули ҷангалзор; фасли 4 — Нигоҳубин ва муҳофизати ҷангалзор; фасли 5 — Баҳисобгирии давлатии ҷангал ва кадастри давлатии ҷангал, сохти ҷангал; фасли 6 — Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории оид ба ҷангал; фасли 7 — шартномаҳо ва созишномаҳои байналхалқиро дарбар мегирад. Муҳофизати ҷангал вазифаи муҳими давлатӣ аст.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ, қонуни умумиттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 25 дек. 1958 қабул кардааст. А. аз 4 фасл ва 47 модда иборатанд. Фасли 1 — Вазифаҳои қонунбарории ҷиноятии советӣ, хелҳои актҳои қонунбарорӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, доираи амали қонунҳои ҷиноятро дар фазо ва вакт дарбар мегирад; фасли 2 — мафҳумҳои ҷиноят, қасдан, аз беэҳтиётӣ содир кардани ҷиноят, номукаллафӣ, мудофиаи зарурӣ, пинҳонкунӣ, хабар надодан ва г.-ро дарбар мегирад; фасли 3 — мақсади ҷазо ва хелҳои ҷудогонаи ҷазоро (пиг. *Ҷазо*) дарбар гирифтааст; фасли 4 — Қоидаҳои таъин кардани ҷазо ва озод намудан аз ҷазо; ҳолатҳое, ки масъулиятро сабук ва ҳолатҳое, ки масъулиятро вазнин мекунанд, шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан аз ҷазо ва тартиби татбиқи он, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ичро кардани ҳукми суд, бардоштани доғи судиро дарбар мегирад. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. 17 авг. 1961 Кодекси ҷиноятии Тоҷ.-ро қабул кард.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА СОХТИ СУДИ СССР, РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ВА АВТОНОМӢ, қонуни умумиттифоқӣ, ки 25 дек. 1958 Совети Олии СССР қабул кардааст. А. системаи сохти судӣ, мақсад, принципу вазифаҳои адолати судӣ, интихоб шудан ва пеш аз мӯҳлат ҷеғ зада гирифтани судьяҳо, машваратчиёни халқӣ, масъулияту интизоми судьяҳо, ваколати органҳои судӣ, инчунин баъзе масъалаҳои дигари ташкили системаи судиро муқаррар мекунанд. А. фақат масъалаҳои муҳимми умумӣ, принципиалӣ ва ташкилии сохти системаи судиро ҳал карда, ҳалли масъалаҳои дигари сохти судиро ба ихтиёри қонунгузории республикаҳои иттифоқӣ вогузор кардаанд. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. 5 янв. 1961 қонун оид ба сохти суди республикаро қабул кард.

АСОТИР (ар. اساطير — ҷамъи اسطوره — устура — хурофот, афсона, ривоят, гуфтор, қисса), тахайюлоти фантастикии одами ҷамъияти ибтидоӣ, ки дар шакли ривояту гуфторҳои шифоҳӣ боқӣ мондааст. А. ҳамчун бофтаи хаёлӣ пайдоиш ва моҳияти кадом як ашёё ё ҳодисаи табиат ва ҳаёти ҷамъиятро аксаран бо роҳи ба онҳо нисбат додани мафҳум ва хусусиятҳои инсонӣ шарҳ медиҳад.

Барои одами ҷамъияти ибтидоӣ, ки ба коллективизми стихиявии хешони наздик ва авлодӣ асос ёфта буд, танҳо муносибатҳои хешиву авлодиаш наздик ва фаҳмо буданд. Ӯ ин муносибатҳоро ба ҳама чизҳои атрофаш татбиқ менамуд. Замин, осмон, олами наботот ва ҳайвонотро дар шакли ҷамъияти универсалии авлодӣ тасаввур мекард, ки дар он ҳамаи ашёё на танҳо ҷондор, балки боақл ва ба якдигар хешу наздик эътироф мешуд. Дар А. ин тасаввурот шакли умумӣ пайдо кардаанд. Мас., ҳунармандӣ бо ҳама хусусият, инкишоф ва қисматҳои таъриҳиаш ҳамчун як чизи ҷондор ва боақле тасаввур мешуд, ки ба хел ва ҷиҳатҳои гуногуни касбу ҳунар сарварӣ мекард. Ҳамин тавр образҳои асотирии худои ҳунармандӣ, худои деҳқонӣ, худои ҷанг, худои чорводорӣ ба вуҷуд омадаанд.

Мафҳумҳои ҷамъбастӣ дар А. тадриҷан пайдо шудаанд. Шаклҳои таъ-

«Геракл ва шер». Нусхаи римии амали Лисипп. Мармар. Нимаи 2-юми а. 4 то м. Эрмитаж Ленинград.

дан аз адои ҷазо; ёрӣ ба маҳкумони озодгашта; мушоҳида ва назорати онҳо (мод. 46—49). Мувофиқи ин. А. Совети Олии РСС Тоҷ. 26 июни 1970 Кодекси ислоҳи меҳнатии РСС Тоҷ.-ро тасдиқ кард, ки он 1 янв. 1971 ба амал ҷорӣ гардид.

Ад.: Основы законодательства Союза ССР и союзных республик, М., 1971.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА МАОРИФИ ХАЛҚ, қонуни умумиттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 19 июли 1973 қабул кард ва он 1 янв. 1974 ба амал ҷорӣ шуд. Дар А. вазифаи қонунгузории СССР ва республикаҳои иттифоқӣ оид ба маорифи халқ таҷассум ёфтааст. А. аз 14 фаслу 65 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод. 1—12), фасли 2 — Тарбияи томактабӣ (мод. 13—16), фасли 3 — Маълумоти миёна (мод. 17), фасли 4 — Маълумоти умумии миёна (мод. 18—28), фасли 5 — Тарбияи берун аз мактаб (мод. 29), фасли 6 — Маълумоти касбию техникӣ (мод. 30—34), фасли 7 — Маълумоти миёнаи махсус (мод. 35—39), фасли 8 — Маълумоти олӣ (мод. 40—45), фасли 9 — Ҳуқуқу вазифаҳои талабагону студентон (мод. 46—47), фасли 10 — Тайёр кардани кадрҳои педагогӣ. Фаъолияти педагогӣ. Ҳуқуқу вазифаҳои касбии коркунони маорифи халқ (мод. 45—55), фасли 11 — Ҳуқуқу вазифаҳои падару модарон ва шахсоне, ки дар таълиму тарбияи бачагон онҳоро ивоз мекунанд (мод. 56—58), фасли 12 — Базаи таълимию моддии муассисаҳои маорифи халқ (мод. 59—62), фасли 13 — Масъулият барои вайрон кардани қонун оид ба маорифи халқ (мод. 63), фасли 14 — Ҳуқуқи гражданинҳои хориҷӣ ва шахсони бетабаа барои дар СССР гирифтани маълумот, шартномаю созишномаҳои байналхалқӣ (мод. 64—65). А. ба такмили маорифи халқ, минбаъд ҳам мустаҳкам намудани қонунияти социалистӣ дар ин соҳа нигаронида шудаанд.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА МЕҲНАТ, қонуни умумиттифоқӣ, ки онро 15 июли 1970 Совети Олии СССР қабул кардааст. А. аз 1 янв. 1971 ба амал ҷорӣ гардидаанд. А. аз 107 модда, муқаддима ва 15 боб иборатанд. Дар боби 1 — Қоидаҳои умумӣ — вазифаҳои қонунгузории совети оид ба меҳнат, ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии меҳнатии коргарон ва хизматчиён, ба тартиб дарآвардани меҳнати аъзоёни к-зҳо ва диг. масъалаҳои умумӣ мукаррар шудааст. Дар боби 2 — Шартномаи коллективӣ, дар боби 3 — Шартномаи меҳнати — қоидаҳо ва тартиботи бастани шартномаҳои коллективӣ ва шартномаи меҳнати пешбинӣ шудааст. Боби 4 — Масъалаҳои вақти кор ва истироҳати коргарон ва хизматчиён, боби 5 — Масъалаҳои музди кор, гарантия ва компенсацияҳо, боби 6 — Қоидаҳои интизоми меҳнат, тартиб ва принципҳои додани ҳаққи меҳнатро дарбар мегирад. Боби 7 — Муҳофизати меҳнат, боби 8 — Меҳнати занон, боби 9 — Меҳнати ҷавонон, боби 10 — Имтиёзҳо барои коргарон ва хизматчиёне, ки дар баробари кор таҳсил мекунанд, боби 11 — Баҳсҳои меҳнатӣ, боби 12 — Иттифоқҳои касаба, иштироки коргарон ва хизматчиён дар идоракунии истеҳсолот, боби 13 — Суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, боби 14 — Назорат ба риоя шудани қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва боби 15 — Қоидаҳои хотимавӣ — нормаҳои ҳуқуқи меҳнатро, ки дар мамлакати Советӣ бо Конституцияи СССР асоснок гардидааст, дарбар мегирад. Совети Олии РСС Тоҷ. дар асоси онҳо 16 июли 1972 Кодекси қонунҳои РСС Тоҷ.-ро оид ба меҳнат қабул кард, ки он аз 1 янв. 1973 ба амал ҷорӣ шуд. *М. Раҷаббеков*

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА НИКОҲ ВА ОИЛА, қонуни умумиттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 27 июни 1968 қабул кардааст. А. аз 1 окт. 1968 амалӣ гардидаанд. А. аз муқаддима, панҷ фасл ва 36 модда иборатанд. Дар муқаддима дар бораи ғамхории КПСС ва Давлати Советӣ дар ҳаққи оила, тарбияи коммунистии насли наврас ва саодати модарӣ сухан меравад. Дар фасли 1 — вазифаҳои қонуни советӣ оид ба никоҳ ва оила (шартҳои акди никоҳ, муносибатҳои шахсӣ ва молумулкии муштараки аъзоёни оила, муносибатҳое, ки дар натиҷаи ба фараандӣ қабул кардан, васоят, парастории ва ба тарбият гирифтани кӯдак ба вуҷуд меояд), тартибу шартҳои қатъ гардидани никоҳ, тартиби қайди актҳои ҳолати граждани, баробарҳуқуқии зану мард дар муносибатҳои оилавӣ ва ғ. баён ёфтааст. Фаслҳои диг. А. масъалаҳои мухталифи никоҳ ва оила, актҳои ҳолати граждани ва татбиқи қонуни совети оид ба никоҳ ва оила дар ҳаққи хориҷиён ва шахсони бетабаа, татбиқи қонунҳои давлатҳои хориҷиро оид ба никоҳ ва оила дарбар мегирад. А. барои аз ғаразҳои моддӣ қатъиян тоза намудани муносибатҳои оилавӣ, бартараф намудани бокимондаҳои нобаробарии занон дар оила ва барпо намудани оилаи коммунистӣ ёрӣ мерасонад. *О. Усмонов*

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ОБ, қонуни умумиттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 10 дек. 1970 қабул кард ва он 1 сент. 1971 ба амал ҷорӣ гардид. Дар А. вазифаи қонунгузории совети оид ба об, таъмини истифодаи самарабахши об, ҳифзи он аз чиркин, олуда ва исрофшавӣ, ба тартиб андохтани муносибатҳои оид ба об, муҳофизати ҳуқуқи корхона, ташкилот, муассиса ва гражданҳо, таъмини қонуният дар соҳаи муносибатҳо оид ба об) баён шудааст. А. аз 5 фасл, 46 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод.1—11), фасли 2 — Истифодаи об (мод. 12—36), фасли 3 — Муҳофизати об ва пешгирии таъсири зararноки он (мод. 37—45), фасли 4 — Баҳисобгирӣ ва баплангирии истифодаи об (мод. 41—45), фасли 5 — Ҷавобгариро барои вайрон кардани қонунҳои оид ба об (мод. 46) дарбар мегирад.

Мувофиқи ин А. Совети Олии РСС Тоҷ. 6 июни 1973 Кодекси РСС Тоҷ.-ро оид ба об тасдиқ кард, ки он аз 1 янв. 1974 ба амал ҷорӣ шуд.

Ад.: Основы законодательства Союза ССР и союзных республик, М., 1971, стр. 36—59.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ, қонуни умумиттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 9 июли 1975 қабул кард, аз 1 янв. 1976 ба амал ҷорӣ шуд. Дар моддаи 1-уми А. вазифаҳои қонунгузории советӣ дар бораи сарватҳои зеризаминӣ баён шудааст.

А. аз 11 фасл ва 51 модда иборатанд: фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ; фасли 2 — Омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ; фасли 3 — Ба лоиҳа гирифтан, сохтан ва ба истифода додани корхонаҳои маъданҳосилкунанда, инчунин иншоотҳои зеризаминие, ки бо истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ алоқа надоранд; фасли 4 — Истифодаи зери замин барои ҳосил кардани сарватҳои зеризаминӣ ва мақсадҳое, ки бо истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ алоқа надоранд; фасли 5 — Бехатарии корҳое, ки бо истифодаи сарватҳои зеризаминӣ алоқаманданд; фасли 6 — Муҳофизати сарватҳои зери замин; фасли 7 — Баҳисобгирии давлатии захираю конҳои сарватҳои зеризаминӣ, инчунин участкаҳои зеризаминӣ, ки ба истифода дода шудаанд ва ба истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ алоқаманд нестанд; фасли 8 — Назорати истифода ва муҳофизати сарватҳои зеризаминӣ ва бурдани корҳои омӯзиши геологии зеризаминӣ; фасли 9 — Ҳалли баҳсҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; фасли 10 — Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунҳо дар бораи сарватҳои зеризаминӣ; фасли 11 — Шартномаҳо ва созишномаҳои байналхалқӣ. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. аз 26 нояб. 1976 Кодекси оид ба сарватҳои зеризаминиро республикаро қабул кард, ки 1 июли 1977 ба амал ҷорӣ гардид.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ТАНДУРУСТӢ, қонуни умумиттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 19 дек. 1969 қабул кард ва он 1 июли 1970 ба амал ҷорӣ гардид. Дар А. вазифаҳои қонуни совети оид ба тандурустӣ баён шудаанд.

А. аз 9 фасл, 55 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод. 1—11); фасли 2 — Фаъолияти духтурӣ ва фармацевтӣ (мод. 12—17); фасли 3— Таъмини некӯаҳволии санитарию эпидемии аҳолӣ (мод. 18—31); фасли 4 — Ёрии муолиҷавӣ ва профилактикӣ ба аҳолӣ (мод. 32—37); фасли 5 — Муҳофизати модар ва кӯдак (мод. 38—43); фасли 6 — Муолиҷаи санаторӣ—курортӣ, ташкили истироҳат, туризм ва тарбияи ҷисмонӣ (мод. 44—49); фасли 7 — Экспертизаи тиббӣ (мод. 50—51); фасли 8 — Таъмин бо дору ва протезкунӣ (мод. 52—54); фасли 9 — Шартнома ва аҳдномаҳои байналхалқӣ (мод. 55). Қонуни советӣ оид ба тандурустӣ барои хизмати фаъолонаи тиббӣ, минбаъд беҳтар кардани муҳофизати саломатии аҳолӣ ва мустаҳкам намудани қонуни ин соҳа нигаронида шудааст.

Ад.: Основы законодательства Союза ССР и союзных республик, М., 1971, стр. 61—88.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ОИД БА ҶАНГАЛ, қонуни умумииттифоқӣ, ки муносибатҳоро оид ба ҷангал бо мақсади таъмини истифодаи босамари ҷангалзор ба тартиб медарорад. Бори нахуст 14 мае 1918 Декрети Комитети Иҷроияи Марказии умумироссия «Дар бораи ҷангалзор» принципҳои асосии ташкили социалистии хоҷагии ҷангалпарвариро бо мақсади истифода бурдани ҷангалзор ба манфиати тамоми халқ муайян кард. А.-ро Совети Олии СССР 17 июни с. 1977 тасдиқ кард, ки аз 1 янв. 1978 ба амал ҷорӣ гардиданд. А. аз муқаддима, 7 фасл 51 модда иборатанд. Фасли 1 — Қоидаҳои умумӣ (мод. 1—19), вазифаҳои қонунгузории советиро оид ба ҷангал дарбар мегирад. Вазифаҳои қонунгузории советӣ доир ба ҷангал масъалаҳои зеринро пешбинӣ менамоянд: бо мақсади таъмини истифодаи оқилонаи ҷангалзор ба тартиб даровардани муносибатҳои оид ба ҷангал, нигаҳбонӣ ва муҳофизати он, аз нав ба вуҷуд овардани ҷангалзор ва афзун гардондани маҳсули он барои қонеъ гардондани талаботи хоҷагии халқ ва аҳолӣ аз чӯбу тахта ва диг. маҳсулоти ҷангал, пурзӯр кардани хосиятҳои обнигоҳдорӣ, муҳофизат ва батартибандозии иқлим, хосиятҳои санитарию гигиенӣ, тандурустӣ ва дигар хосиятҳои муфиди табиии ҷангалзор, инчунин муҳофизати ҳуқуқи корхона, ташкилот, муассиса ва гражданинҳо, мустаҳкам намудани қонуният дар соҳаи муносибатҳои оид ба ҷангал (мод. 1). Мувофиқи Конституциии СССР ҷангал дар СССР моликияти давлатӣ, яъне сарвати умумихалқӣ мебошад. Дар СССР тамоми ҷангалҳо фонди ягонаи давлатии ҷангал мебошанд. Фонди ягонаи давлатии ҷангал аз инҳо иборатанд: 1) ҷангали дорои аҳамияти давлатӣ, яъне ҷангали дар ихтиёри органҳои давлатии хоҷагии ҷангал буда, ҷангали шаҳрӣ, ҷангалҳои вобаста кардашуда ва ҷангалҳои кӯруҳҳо; 2) ҷангали колхозҳо, яъне ҷангале, ки дар замини колхоз воқеъ аст (мод. 4). Ба фонди давлатии ҷангал инҳо дохил мешаванд: дарахтҳо ва гурӯҳи дарахтҳо, инчунин ниҳолҳои дарахту буттаҳои заминҳои хоҷагии қишлоқ; дарахту буттаҳои муҳофизатӣ дар минтақаҳои қад-қади роҳҳои оҳан, автомобильгард ва каналҳо; дарахтҳо ва гурӯҳи дарахтҳо, инчунин кабудизори шаҳрҳо ва диг. пунктҳои аҳолинишин, ки дар замини берун аз ҷангалзори шаҳрҳо меруянд; дарахтҳо ва гурӯҳи дарахтҳо дар участкаҳои назди ҳавлиҳо, дачаҳо ва боғҳо (мод. 5.).

Фасли 2 — истифодаи ҷангалро (мод. 20—43) дарбар мегирад. Корхона, ташкилот ва муассисаҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин гражданинҳои СССР ҷангалро истифода бурда метавонанд (мод. 20); фасли 3 — Аз нав барпо намудан ва зиёд кардани маҳсули ҷангалзор; фасли 4 — Нигоҳубин ва муҳофизати ҷангалзор; фасли 5 — Баҳисобгирии давлатии ҷангал ва кадастри давлатии ҷангал, сохти ҷангал; фасли 6 — Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории оид ба ҷангал; фасли 7 — шартномаҳо ва созишномаҳои байналхалқиро дарбар мегирад. Муҳофизати ҷангал вазифаи муҳими давлатӣ аст.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ СССР ВА РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ, қонуни умумииттифоқӣ, ки Совети Олии СССР 25 дек. 1958 қабул кардааст. А. аз 4 фасл ва 47 модда иборатанд. Фасли 1 — Вазифаҳои қонунбарории ҷиноятии советӣ, ҳелҳои актҳои қонунбарорӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, доираи амали қонунҳои ҷиноятро дар фазо ва вакт дарбар мегирад; фасли 2 — мафҳумҳои ҷиноят, қасдан, аз беэҳтиётӣ содир кардани ҷиноят, номукаллафӣ, мудофиаи зарурӣ, пинҳонкунӣ, хабар надодан ва г.-ро дарбар мегирад; фасли 3 — мақсади ҷазо ва ҳелҳои ҷудогонаи ҷазоро (ниг. *Ҷазо*) дарбар гирифтааст; фасли 4 — Қоидаҳои таъин кардани ҷазо ва озод намудан аз ҷазо; ҳолатҳое, ки масъулиятро сабук ва ҳолатҳое, ки масъулиятро вазнин мекунанд, шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан аз ҷазо ва тартиби татбиқи он, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ичро кардани ҳукми суд, бардоштани доги судиро дарбар мегирад. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. 17 авг. 1961 Кодекси ҷиноятии Тоҷ.-ро қабул кард.

АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА СОХТИ СУДИ СССР, РЕСПУБЛИКАҲОИ ИТТИФОҚӢ ВА АВТОНОМӢ, қонуни умумииттифоқӣ, ки 25 дек. 1958 Совети Олии СССР қабул кардааст. А. системаи сохти судӣ, мақсад, принципу вазифаҳои адолати судӣ, интихоб шудан ва пеш аз мӯҳлат ҷеғ зада гирифтани судьяҳо, машвараҷиёни халқӣ, масъулияту интизоми судьяҳо, ваколати органҳои судӣ, инчунин баъзе масъалаҳои дигари ташкили системаи судиро муқаррар мекунанд. А. фақат масъалаҳои муҳимми умумӣ, принципиалӣ ва ташкилии сохти системаи судиро ҳал карда, ҳалли масъалаҳои дигари сохти судиро ба ихтиёри қонунгузории республикаҳои иттифоқӣ вогузор кардаанд. Мувофиқи А. Совети Олии РСС Тоҷ. 5 янв. 1961 қонун оид ба сохти суди республикаро қабул кард.

АСОТИР (ар. اساطير — ҷамъи اسطوره — устура — хурофот, афсона, ривоят, гуфтор, қисса), тахайюлоти фантастикии одами ҷамъияти ибтидоӣ, ки дар шакли ривояту гуфторҳои шифоҳӣ боқӣ мондааст. А. ҳамчун бофтаи хаёлӣ пайдоиш ва моҳияти кадом як ашё ё ҳодисаи табиат ва ҳаёти ҷамъиятро аксаран бо роҳи ба онҳо нисбат додани мафҳум ва хусусиятҳои инсонӣ шарҳ медиҳад.

Барои одами ҷамъияти ибтидоӣ, ки ба коллективизми стихиявии хешони наздик ва авлодӣ асос ёфта буд, танҳо муносибатҳои хешиву авлодиаш наздик ва фаҳмо буданд. Ӯ ин муносибатҳоро ба хама чизҳои атрофаш татбиқ менамуд. Замин, осмон, олами паботот ва ҳайвонотро дар шакли ҷамъияти универсалии авлодӣ тасаввур мекард, ки дар он ҳамаи ашё на танҳо ҷондор, балки боақл ва ба якдигар хешу наздик эътироф мешуд. Дар А. ин тасаввурот шакли умумӣ пайдо кардаанд. Мас., хунармандӣ бо ҳама хусусият, инкишоф ва қисматҳои таъриҳиаш ҳамчун як чизи ҷондор ва боақле тасаввур мешуд, ки ба хел ва ҷиҳатҳои гуногуни касбу ҳунар сарварӣ мекард. Ҳамин тавр образҳои асотирии худои ҳунармандӣ, худои деҳқонӣ, худои ҷанг, худои ҷорводорӣ ба вуҷуд омадаанд.

Мафҳумҳои ҷамъбастӣ дар А. тадриҷан пайдо шудаанд. Шаклҳои таъ-

«Геракл ва шер». Нусхаи римии амали Лисипп. Мармар. Нимаи 2-юми а. 4 то м. Эрмитаж, Ленинград.

рихии А. *фетишизм, тотемизм* ва *анимизм* буданд. Шаклҳои асосии А.: этнологӣ (сабабнокӣ)—дар бораи пайдоиши ашьё ва ҳодисаҳои алоҳидаи табиат, космогонӣ—дар бораи пайдоиши олам, этногонӣ—дар бораи пайдоиши авлод ва муассисаҳои он, антропогонӣ— дар бораи пайдоиши одамон ва эсхотологӣ—дар бораи ояндаи онҳо. Дар натиҷаи инкишофи минбаъдаи тафаккури абстрактӣ зинаи навбати абстракцияи асотирӣ ба вуҷуд омад, ки тасаввурот дар бораи «падари одамон ва худоҳо»-и ягона маҳсули онанд.

Образи *Аҳуромаздо* ҳамчун ҳукмрони осмону замин дар А.-и аҷдоди қадимии халқҳои эронӣ аз ҳамин қабил аст. Образҳои асотирии давраи модаршоҳӣ шакли гуногун доштанд. Ҷондорҳои сесару чорсар, саддаступой, бадқаҳру золим дар А.-и ҷаҳонии давраи модаршоҳӣ хеле зиёданд. Вале минбаъд образҳои асотирии мутаносиб, мунтазам ва мураттаб ба вуҷуд омаданд.

«Модагурге, ки ду навзодро мемаконад». Аз касри шоҳони Истравшан дар Қалъаи Қаҳқаҳаи I. Мусаввараи а-ҳои 8—9.

Дар давраи падаршоҳӣ тасаввурот дар бораи қаҳрамоне пайдо шуда ташаккул ёфт, ки бар қуввaҳои табиии то ҳол маглубнопазир ғолиб меояд, ҳаёти ибтимоиро ташкил ва онро аз қуввaҳои марговари табиат ва ҳуҷуми қабилаҳои дигар ҳифз менамояд. Мас., мувофиқи А.-и халқҳои эронинажод Каюмарс аввалин инсон ва аввалин шоҳ аст, ки мардумро аз кӯҳ поёи мефурорад ва ба онҳо хона сохтанро меомӯзонад. Фаридун қуввaи бадӣ—Заҳҳоки сесар ва шашчашмиро нест менамояд. Ҷамшед ба мардум хушиву хурсандиҳои зиёде мебахшад, ки давраи ӯ чун «асри тиллоӣ» шӯҳрат ёфтааст. Гаршоси образи асотирии машҳурест, ки пеш аз Рустам қаҳрамонҳои зиёде мекушад. *Митра* бо арвоҳи зараррасони муборизо бурда, барзагови бадҳайбатро маглуб месозад. Ин гуна А. дар таърихи афкори диг. халқҳо низ кам нест. Як қонуниятҳо муҳими А. ин аст, ки қаҳрамонону образҳои он ба эпос мегузаранд. Қаҳрамонону паҳлавонҳои образҳои помбаршуда ва боз чанде дигарон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Гаршоснома» инъикоси бадеии худро ёфтаанд. Ин ҳодиса дар адабиёти ҳамаи халқҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад. А. ҷаҳонбинии инсони ҷамъияти ибтидоиро ифода мекард ва то андозае хусусияти маърифатӣ дошт. Дар ҷамъияти ибтидоӣ А. шакли аввалини идеология буда, дар ибтидои ҷамъияти синфӣ ифодакунандаи идеяҳои динӣ, ичтимоӣ-сиёсӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ гардид. А. дар санъату адабиёт ба таври васеъ истифода мешуд. К. Маркс А.-и Юнони Қадимро на танҳо хазинаи санъати Юнон, балки асоси он номида аст (Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., т. 12, стр. 736). Дар зарфи ҳазорсолаҳо А. шакли идроки ҳастии инсон ва ҷамъият буд. Илми ҳозира дар А. таърихи муборизаи наву кӯҳна, таърихи ҳаёти инсонӣ, ранҷу шодиҳои ӯро мебинад. Лекин даъвои олимони буржуазӣ, ки А. (мифология)-ро асоси адабиёти бадеӣ меҳисобанд, ба ҳақиқати ҳол рост намеояд. Таҷрибаи тараққии адабиёти реализми социалистӣ ва адабиёти прогрессивии ҷаҳон нишон медиҳад, ки асоси онҳоро ҳаёти воқеии ҷамъият ташкил менамояд.

Маркс К., Энгельс Ф., Соч., т. 12, М., 1958; Энгельс Ф., Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат, Сталинобод, 1957; Лосев А. Ф., Античная мифология в её историческом развитии, М., 1957; Золотарев А. М., Родовой строй и первобытная мифология, М., 1964; Шахнович М. И., Первобытная мифология и философия, М., 1971; Кессиди Ф. Х., От мифа к логосу, М., 1973; Стеблин-Каменский М. И., Миф, Л., 1976.

М. Диловаров, С. Давронов.

АСОТИРШИНОСӢ, илмест, ки асотирро меомӯзад. Омӯзиши *асотир* аз файласуфони Юнони Қадим сар шудааст. Ба ақидаи Арасту шахсе, ки асотирро дӯст медорад, то андозае файласуф мебошад, зеро ҳикмат аз донистани сабаб иборат буда, асотир, тафсири сабаби ҳодисаҳои табиат аст. Дар а-ҳои 3—4 навафлотуниён даъво мекарданд, ки фалсафа ва асотир як ҳақиқатро меомӯзанд. Минбаъд А. дар фалсафаи антиқа шакли маҳозӣ мегирад. Файласуфи англис Фрэнсис Бэкон дар асари «Ҳикмати ниёкон» исбот мекард, ки асотирро маҳзуми дорои фалсафаи қадимист. Дар а. 18 файласуфи италиявӣ Ҷамбаттиста Вико асотирро ифодаи «метафизикаи фантастикӣ»-и одамони қадим, «ҳикмати маҳзуми»-ро донисту, фаҳмиши таърихии асотирро ҷорӣ намуд. А.-и давраи маорифпарварӣ (Н. Фонтенель, Вольтер, Д. Дидро, Ш. Монтескьё ва г.) аз таҳлили таърихии асотир даст кашида, нисбат ба Вико қадаме ба ақиб буд. Дар а. 18 шоири англис Ҷ. Макферсон («Достони Оссиана») ва файласуфи немис И. Г. *Гердер* асотирро ифодаи ҳикмати умумихалкӣ донистанд. А.-и романтизм А.-и бадеӣ-назариявӣ буд. Романтикҳо ҷиҳати умумибадеии асотирро, ки дар таълимоти «асотири бадеӣ» ифода ёфтааст, таҳлил карданд. Намояндагони ин тафсири асотир К. Ф. Мориц (1757—93) ва К. А. Бёттигер, дар соҳаи адабиёт Ф. ва А. Шлегель, Л. И. Арним (1781—1831), К. Брентано (1778—1842), Я. Гримм (1785—1863) ва В. Гримм (1786—1859) буданд. Асосии фалсафии назарияҳои А.-ро асарҳои Ф. Шеллинг ва Г. Гегель ташкил доданд. Дар доираи А.-и романтизм як қатор назарияҳои А.-и позитивистӣ пайдо шуд. Дар миёнаи а. 19 дар адабиёти фалсафӣ назарияи хуршедӣ-метеорологӣ (А. Кун, М. Мюллер, Ф. И. Буслаев, Л. Ф. Воеводский, О. Миллер) пайдо шуд, ки асотирро ҳамчун рамзи ин ё он ҳодисаи астрономӣ ва атмосферӣ шарҳ медод. Баръакси ин, назарияи «асотиршиносии заминӣ» (В. Шварц, М. Манхардт, Г. Узенер) асотирро ҳамчун инъикоси ҳодисаҳои оддии зиндагӣ тафсир карда, муҳаққиқонро ба омӯзиши на танҳо образҳои асотирии бузург, балки образҳои хурдтарин водор мекард. Аммо фалсафаи позитивизм бо ин назарияҳои А. маҳдуд нашуд. Назарияи анимистӣ материали фаровони антропологӣ ва этнографии халқҳои гуногунро истифода бурда, тасаввурот дар бораи рӯҳро асоси тамоми асотир медонист. Пайравони назарияи анимистии А. дар Англия Э. Тайлор (1832—1917), Г. Спенсер, Э. Ленг, Ф. Ҷевенс, дар Германия — Л. Фробениус, П. Эренрейх ва г. буданд. Дар а. 19 дар қатори фаҳмиши анимистӣ, социологӣ ва антропологии А. кӯшишҳои таҳқиқи таърихии асотир пайдо шуданд. Ҳамин тавр назарияи таърихӣ-филологӣ (У. Виламовиц-Мёллендорф, М. Нильсон, А. Кун, В. Властов, Ф. Ф. Зелинский, И. И. Новосадский, Б. Л. Богаевский, С. А. Жебелев) дар қатори методи таҳлили адабӣ ва забоншиносӣ маълумотҳои археологӣ, этнографӣ ва таърихи умумии дуньёи қадимро истифода бурдааст. Инкишофи назарияҳои А.-и нимаи дуюми а. 19 — ибтидои а. 20 аз он шаҳодат медиҳанд, ки асотиршиносии позитивистӣ дар ҳалли масъалаи А. аз фаҳмиши халқ ҳамчун офаранда таърих ва асотир дур аст.

Назарияҳои ҳозираи А.-и буржуазӣ ба маълумотҳои мантиқӣ ва психологии таърихи шуури инсонӣ асос ёфта, хусусияти абстракти ва зиддитаърихӣ доранд. Дар байни ин назарияҳо — назарияи маданӣ-таърихӣ (Ҷ. Фрейзер, Г. Р. Леви, Б. К. Малиновский, Ж. Дюмезиль, П. Сентив, Ш. Отран, Ж. Бедье, Ф. Рэглан, Ш. Бадуэн, Э. Миро, Р. Карпентер) бештар паҳн шудааст. Ин муҳаққиқон асотирро ҳитарафа фаҳмида, аз ҳудаи шарҳи моҳияти ичтимоии он баромада пайвастанд.

Асотири мардуми эронинажод аз тарафи адабиётшиносони советӣ И. С. Брагинский, Е. Э. Бертельс, Ш. Ҳусейнзода ва муҳаққиқи эронӣ Меҳрдод Баҳор («Асотири эронӣ», Теҳрон, 1359 ҳ. ш.) мавзӯи тадқиқу таълиф қарор гирифтааст.

Аз мавқеи материалистӣ А. аз тарафи олимони советӣ А. Ф. Лосев, А. М. Золотарев, С. А. Токарев, Ю. П. Францев, М. И. Шахнович, В. И. Абаев, Е. М. Мелетинский ва дигарон инкишоф дода шудааст. *А. Шарифов.*

АСП (Equus cabullus), ҳайвони тоқасум аз оилаи аспзотҳо. Дар тамоми дунёё паҳн шудааст. Асосан барои боркашӣ, саворшавӣ, корҳои ҳарбию спортӣ ва инчунин гӯшту шир истифода мебаранд. Ҳапӯз 3 ҳаз. сол пеш аз м. дар даштҳои моварои Дон ва Днепр, Сибири Ҷанубӣ ва Осиёи Миёна ром кардаанд. Дар дунёё бештар аз 200 (аз ҷумла дар СССР 50 ва РСС Тоҷ. 13) зоти А. маълум буда, аз рӯи тип, экстерьер, ҷусса, қобилияти корӣ ва ғ. ба гурӯҳҳои бори вазнинкаш (владимирӣ, русӣ, советӣ, литвагӣ), резачорпо (орловӣ, русӣ), аробакаш (торийӣ, кузнецӣ, латвиягӣ), саворию аробакаш (бошқирдӣ, забайкалӣ, қазоқӣ, қиргизӣ, мугулӣ, озарӣ), саворӣ (арабӣ, қаробогӣ, ахалтекинӣ, қаробоҳирӣ, лақайӣ, терекӣ, будённовӣ, туркманӣ ва ғ.) ҷудо мешавад. Дар хорича А.-ҳои вазнинкаши арденнӣ, брабансонӣ, першеронӣ, клейдесдалӣ, шайрӣ; резачорпои норфолкӣ, голландӣ; аробакаши нонпусӣ, маҷорӣ, финнӣ, ольденбургӣ; саворию аробакаши немисӣ, маҷорӣ, бранденбургӣ, савории англисӣ, немисӣ, тракенен ва ғ. низ машҳуранд. Қади А. 50—185 см, вазнаш аз 60 то 1500 кг. Дар 1,5-солагӣ ба балоғат расида, аз 3—3,5-солагӣ (20—25 сол) насл меорад (даври ҳамлаш 11 моҳ); 25—30 сол умр мебинад. Байталаш 7—15 л (дар 1 шабонарӯз) шир медиҳад, ки аз он асосан қимиз тайёр мекунанд. Хӯроки асосиаш ҷав, сулӣ, ҷавдор, ҷуворимакка, силос, коҳ, коҳбеда, сабзӣ, лаблабу, картошка, комбикорм ва ғ. мебошад. Зоти А. дар з-дҳои асппарварӣ, аспхонаҳои давлатӣ, станцияҳои бордоркунии сунъӣ ва наслгирӣ, аспрез ва фермаҳои зотгирӣ такмилу беҳ гардонида мешавад. Дураганӣ А. бо хару гӯрхар (лошак, хачир) бенасл аст. С. 1971 дар ҷаҳон 66,3 млн, аз ҷумла дар СССР 7,4 млн ва дар РСС Тоҷ. (1976) 34 ҳаз. А. буд.

Гӯшту равғаи ва шири А. маҳсулоти сергизо буда, хосияти шифоӣ низ дорад. А. дар бозори байналхалқӣ арзиши баланд дошта, дар Москва ҳар сол аукциони байналхалқии А. гузаронида мешавад.

Ад.: Асппарварӣ. Сталинобод, 1954; Бурунов Б. Аспхои бодпо. Д., 1970; Коннозаводство и конный спорт. М., 1972.
Н. О. Мамин.

АСПАКБОЗӢ, рақси қадимаи мардонаи тоҷикӣ. Дар Бухоро, Исфара, Ӯротеппа ва хусусан Помир маъмул аст. Дар Бухорои охири а. 19 аспакбозҳо одатан ҳамроҳи дастаи зочабозон ҳунарнамоӣ мекарданд. Дар Помир бошад, ин бозиро беҳтарин раққосон дар соли нав, тӯйҳо ва барои меҳмонҳои мӯътабар иҷро мекарданд. Ҳоло А. ба программаи концертии театри Хоруғ дохил шудааст. Аз чӯб каллаи аспро тарошида, ба он гӯш, чашм месозанд, ёл мечаспонанд ва бо матоъ оро медиҳанд. Раққос чорчӯбаро ба миёнаш маҳкам мебандад. Азбаски пойҳои раққос дар матоъ пинҳонанд, тасаввуроте ҳосил мешавад, ки гӯё ӯ аспсавор асту асп мераҳсад. Аспакбозӣ рақсест монанд ба намоиши хурди театрӣ.
Н. Нурҷонов.

АСПАКМОҲӢ, номи ду намуди моҳӣ (Aspius aspius taeniatus n. iblioides, Aspiolucius esocinus — ниг.

расм), мансуби *загорамоҳӣ*. Дар поёноби д-ҳои Аму, Сир, Вахш, Кофарниҳон, Қизилсу, дар обанборҳои Фарҳод ва Қайроққум паҳн шуда — аст. Aspius aspius taeniatus n. iblioides ду хел (сафед ва сурхбол) мешавад. Дарозии бадани А. 50—55 см, вазнаш то 5 кг; дар 6—7-солагӣ ба балоғат расида, 20—150 ҳаз. тухм мегузорад. А.-и болиғ дарранда аст. Моҳича ва мавҷудоти майдаро меҳӯрад. А. аҳамияти саноатӣ надорад.

Ад.: Никольский Г. В., Рыбы Таджикистана, М.-Л., 1938; Максунов В. А., Промысловые рыбы Таджикистана, Д., 1968.
А. И. Жаров.

АСПЕРГИЛЛ (Aspergillus), авлоди занбӯруғҳои халтачадор — *аскомицетҳо*. Асосан бо конидия (спораҳои афзоиши ғайричинсии занбӯруғҳо) афзоиш мекунад. Дар хоку деворҳои намнок, хӯрокворӣ ва ғ. инкишоф меёбад. Баъзе намудҳои А. (A. fumigatus, A. glaucus, A. niger ва ғ.) касалиновар мебошанд (ниг. *Аспергиллёз, Микозҳо*), баъзеашон фоиданоканд (мас., A. fumigatus барои тайёр намудани антибиотики фумагиллин истифода мешаванд).

АСПЕРГИЛЛЁЗ, касалии сироятии парранда, баъзан ҳайвон ва одам. Ангезандаи А. занбӯруғҳои авлоди Aspergillus буда, манбаи паҳншавии касалӣ ҳайвони касал мебошад. Сироятии А. бештар дар пӯст, пардаҳои луобӣ, хирной ва шуши одам мушоҳида мешавад (ниг. *Микозҳо*). А. хусусан барои мурғ хавфнок буда, 46—90%-и чӯҷаҳои касал нобуд мешаванд. Ин касалӣ дар хоҷагиҳои мурғпарварии Тоҷикистон низ воҳӯрда, ҳангоми ба чӯҷаҳо додани пасмондаи инкубация ва тухми палаҳдаи аз занбӯруғҳои касалиангез сироятёфта ва ғ. ба вуҷуд меояд. Сустӣ, камҳаракатӣ, ба боло ё пеш дароз кардани гардану сар, ҳарисона нафас кашидан, беиштиҳоӣ, исҳол, шоридани оби даҳон ва лоғарӣ аломатҳои А. мебошанд. Гови касал месулфад, кафша намекунад, нафасгириаш душвор мегардад. Риоя кардани қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ, шамол додану дезинфекцияи бино ва хӯроки хушсифат сирояти А.-ро пешгирӣ мекунад. А.-и занбӯрро занбӯруги Aspergillus flavus ва A. niger ба вуҷуд меорад. Барангезандаи А.-и занбӯр ба организми занбӯр бо гард ва шираи гул дохил шуда, заҳролуд мекунад. Нишонаҳои касалӣ: шиками занбӯр сахт шуда, ҷасади занбӯр ё кирми он зарди сабзтоб ё сиёҳ мегардад. А.-и занбӯр бештар дар баҳор ва зимистон пайдо шуда, ба паҳншавии он ҳавои хунук ва рутубатнок мусоидат мекунад. Чораҳои пешгирӣ: қуттиҳои оилаи занбӯрро дар ҷойҳои офтобрасу шамолрав мегузаранд ва дезинфекция мекунанд; занбӯрро ба қуттиҳои пав кӯчонда, асал ё қандоб медиҳанд.

АСПИ АРАБӢ, зоти қадимии саворӣ. Селекцияи халқӣ. Дар ҳазорсолаи якуми милодӣ дар нимҷаз. Арабистон ба вуҷуд овардаанд. А. а. барои ба вуҷуд овардани аспҳои асили савории терекӣ ва резачорпои орловӣ истифода шудааст. А. а. ашҳабӣ, тӯруқ ва ҷиран, миёнаҷусса буда, сари хурд, гардани дароз, пойҳои устувори пурқувват дорад. Баландиаш 150—152 см, даври синааш 170—175 см ва банди пояш 18—19 см. А. а. гаштӣ зебо ва қобилияти хуби давандӣ дорад. Суръати давидани рекордии А. а. дар СССР: 1000 м 1 дақ. 8,2 сон.; 1800 м 2 дақ.; 2400 м 2 дақ. 41 сон. А. а.-ро асосан дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Африкаи Ҷанубӣ,



Европа ва Америкаи Шимолӣ парвариш мекунанд. Дар СССР А .а-ро дар Карпат, Кавказ ва Осиёи Миёна барои такмили зотҳои асп истифода мебаранд. Хоҷагии асосии А. а.-парварии СССР з-ди асппарварии Тереки кӣтв. Ставрополь ба шумор меравад. Дар РСС Тоҷ. ҳамагӣ 37 сар А. а. (1976) парвариш карда мешавад, ки дар районҳои Регар, Орҷоникидзеобод, Куйбышев барои беҳ на-

мудани зотҳои дигари асп истифода мешавад.

АСПИ АСИЛИ САВОРӢ, зоти саворӣ. Дар ибтидои а. 18 дар Англия дар натичаи чуфтикунонии аспҳои савории маҳаллӣ бо аспҳои даванди арабӣ, туркманӣ, инчунин неаполитанӣ ва испанӣ ба вучуд овардаанд. А. а. с. дар тавчиди зотҳои мачорӣ, разачорпои америкой, будённовӣ, кустанайӣ ва г. истифода шудааст. Бештар сурх, малла, ашҳабӣ ё тӯрук мешавад. Вазнаш 400—500 кг,

баландиаш 154—180 см, даври синааш 185,2 см, банди пояш 20,1 см. А. а. с. зебо ва давандтарин аспи дунёё мебошад. Суръати давидани рекордии А. а. с. дар СССР: 1000 м 53,6 сон.; 2000 м 1 дак. 58,2 сон.; 3200 м 3 дак. 19 сон. А. а. с.-ро асосан дар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ, ШМА, Австралия, Зеландияи Нав, Аргентина, Америкаи Чанубӣ, Япония, Хиндустон парвариш мекунанд. Дар СССР 6 з-ди А. а. с.-парвари мавчуд аст. З-дҳои А. а. с.-парвари бехтарини СССР «Восход» (кишв. Краснодар), Опуфриев ва Деркули РССУ ба шумор мераванд. Дар РСС Тоҷ. ҳамагӣ 99 сар А. а. с. (1976) мавчуд, ки барои бехтаргардонии зотҳои диг. асп истифода мешавад.

АСПИ АХАЛТЕКИНӢ, зоти саворӣ. Селекцияи халкӣ. Дар худуди

РСС Туркм. и хозира ба вучуд овардаанд. А. а. дар тавчиди зоти аспи араби, аспи саворӣ ва г. истифода шудааст. Асосан ба иклими гарму хушк мутобиқ буда, бо намуду гашти зебои худ машҳур аст. А. а. бештар чиран, тӯрук, саманди ёлу думсиёҳ, снёхмушкин буда, сари хурд, бинии барчаста, гардани борик, пойҳои дарозу пуркувват дорад. Баландиаш 154—157 см, даври синааш 167—173 см, банди пояш 18—19 см. Дар СССР суръати давидани А. а.-и 2-сола ба 1000 м 1 дак. 0,7 сон.; 3-сола ба 2000 м 2 дак. 15,6 сон. аст. А. а.-ро асосан дар РСФСР, РСС Туркм. ва Қазоқистон парвариш мекунанд. Дар СССР 3 з-ди А. а.-парвари (ба номи Махтумқулии Ашқободи РСС Туркм., Луговски РСС Қаз. ва Тереки кишв. Ставрополь) мавчуданд. Дар РСС Тоҷ. ҳамагӣ 30 сар А. а. (1976) буда, барои беҳ намудани зотҳои дигари асп истифода мешавад.

АСПИ БУДЁННОВӢ, зоти саворӣ. С-ҳои 1921—48 дар з-ди асппарвари ба номи Будённый ва Армияи Якуми Савора (вил. Ростов) дар натичаи чуфтикунонии зотҳои аспи асили саворӣ, донӣ ва баҳрисиёҳӣ ба вучуд овардаанд. А. б. бештар чиран, тӯрук ва бӯр, калончусса буда, сари газгӯшт, гардани дароз, дӯши баланд, тахтапушт, миён ва сагрии васею дароз ва пойҳои пуркувват дорад. Баландиаш 162,2 см, даври си-

наааш 186,0 см, банди пояш 20,5 см, вазнаш 500—550 кг. А. б. 1200 м-ро дар 1 дак. 14,4 сон.; 1500 м-ро дар 1 дак. 39 сон.; 1800 м-ро дар 1 дак. 56 сон. тай кардааст. А. б.-ро дар фермаҳои асппарвари кишв-ҳои Краснодару Ставрополь, республикаҳои Украина, Қазоқистон, Молдавия ва Қирғизистон барои беҳ намудани зотҳои аспи маҳаллӣ истифода мебаранд.

АСПИ ЛАҚАПӢ, зоти боркашу саворӣ. А. л.-ро зиёда аз 300 сол мукаддам дар натичаи чуфтикунонии аспҳои маҳаллӣ бо аспҳои осиёнмиёнагӣ (араби, ахалтекини, каробоҳири ва г.) ба вучуд овардаанд. А. л. бештар ашҳабӣ, малла, турук, миёначусса буда, сари нисбатан хурд, гардани дарозу сермушак, тахтапушти васеи рост, пойҳои кутоҳи пуркувват ва ёлу думи дароз дорад. Баландиаш 144—152 см, даври синааш 161,6 см, банди пояш 19 см. Бо 100 кг бор то 60 км (дар 1 шабонарӯз) роҳ мепаймояд. Суръати давидани А. л.-и 2-сола ба 1600 м 1 дак. 56 сон., 3-сола 1 дак. 53,8 сон. аст. Саворахои тоҷик бо А. л. дар муддати 15 сол 11 маротиба

чемпиони СССР шудаанд. А.л.-ро асосан дар з-ди асппарвари «Кӯктош»-и р-ни Ленин, аспҳонаи давлатӣ, аспрез (ипподром)-и Душанбе, к-зҳои «Коммунизм»-и р-ни Орҷоникидзеобод, «Москва»-и р-ни Ленин парвариш ва саршумораш ро зиёд намуда, барои беҳ намудани зотҳои дигари асп истифода мебаранд. Саршумори А. л. дар Тоҷикистон 24403 сар (1976) аст.

Ад.: Массон М. Е., К истории происхождения локайской лошади, Сталинабад, 1949; Мамин Н. О., Характеристика и пути улучшения локайской лошади, Д., 1968; Ҳамон муаллиф, План племенной работы с локайской породой на 1972—80 гг., Д., 1973.

Н. О. Мамин

АСПИ МУҒУЛӢ, зоти даштии ҷойдорӣ. Аспи қадимии мугул. Ба шароити дашт, нимдашту биёбон ва сармо тобовар аст. А. м. бештар ашҳаби, чиран, хурдчусса буда, пойҳои кӯтоҳи пуркувват, сари калону пешонаи васеъ, гардани кӯтоҳи рост, синаи паҳн, пӯсти гафс, муи гуллии дароз дорад. Баландиаш 129,3 см, даври синааш 150,8 см, банди пояш 17,6 см. А. м. дар аспрез (ипподром) и Улан-Батор 1600 м-ро дар 2 дак. 40 сон. тай кардааст. Асосан дар Республикаи Халкии Мугулистон парвариш мекунанд ва онро бо аспҳои будённови ва дони такмил медиҳанд.

А. м. саворӣ, боркаш ва гӯшту ширдеҳ аст.

АСПИ ОЗАРӢ, зоти саворӣ ва боркаш. Аспи қадимии озарӣ. Ба шароити галагардӣ наг мувофиқ аст. А. о. бештар тӯрук, ашҳабӣ, зард буда, сари калон, гардани миёна ва баъзан кӯтоҳ, тахтапушти паҳну пурқувват дорад. Вазнаш 280—350 кг, баландиаш 138 см, даври синааш 161 см, банди пояш 18 см. Суръати миёнаи давандии А. о.-и 2-сола ба 1600 м 2 дақ. 22,6 сон., 3-сола ба 2400 м 3 дақ. 40,4 сон. аст. Бо 120—



140 кг бор рӯзе 60—70 км роҳ мепаймояд. А. о-ро бо роҳи чуфтикунонии дохилизотӣ ва зоти арабию терекӣ беҳтар менамоянд.

АСПИ ТЕРЕКӢ, зоти саворӣ. Дар з-дҳои асппарварии Терек ва Ставрополи кишв. Ставрополь асосан аз чуфтикунонии аспҳои стрелецӣ, арабӣ, кабардиӣ ва донӣ ба вучуд овардаанд. А. т. бештар ашҳабӣ, баъзан тӯрук ва зард, зоҳиран ба аспи арабӣ монанд, вале нисбатан калончусса аст. Баландиаш 156 см, даври синааш 182 см, банди пояш 19,5 см. Суръати санчишии давиданаш (дар аспрез): 1000 м — 1 дақ. 7,8 сон.; 1200

м — 1 дақ. 19 сон.; 1600 м — 1 дақ. 44,8 сон. А. т.-ро бештар дар кишв. Ставрополу Краснодар, РАСС Каб. Балк., РАСС Дог., РАСС Осетияи Шимолӣ, РСС Гурч., РСС Арм., РСС Озарб. мепарваранд. Дар Тоҷикистон 123 сар А. т. (1976) буда, дар такмили зотҳои дигари асп истифода мешавад.

АСПИ ҚАЗОҚӢ, зоти саворӣ, боркаш ва гӯшту ширдеҳ. Аспи қадими маҳаллии қазоқӣ. Дар натиҷаи чуфтикунонии зоти аспҳои маҳаллӣ бо

аспҳои мугулӣ, осиёимиёнагӣ ва европоӣ ба вучуд овардаанд. А. қ. гуногунранг, хурдчусса буда, сари газгӯшт, тахтапушти ҳамвор, сипаи васеъ, пойҳои кӯтоҳи пурқувват ва суми мустаҳкам дорад. Баландиаш 131—138 см, даври синааш 156—164 см, банди пояш 16—18 см. Вазнаш 320—360 кг. А. қ. 25 км-ро дар 36 дақ. тай кардааст. Байтали А. қ. дар як шабонарӯз 8—9 л шир медиҳад. Дар аксар районҳои шарқиташ гуногуни РСС Қаз. паҳн гаштааст.

АСПИ ҚАРОБОҲИРӢ, зоти маҳаллии боркашу савории Осиёи Миёна.

Дар натиҷаи такмили аспҳои савории қадими осиёимиёнагии *аргумак* бо аспҳои мугулӣ, туркманӣ ва арабӣ ба вучуд овардаанд. А. қ. бештар ашҳабӣ, тӯрук, зард ва сиёҳ, хурдчусса буда, сари нисбатан хурд, бинии барчаста, гардани дарози сермушак, синаю тахтапушти васеъ, миёни рост, пойҳои қоқ, ёлу думи кӯтоҳ дорад. Баландиаш 153,2 см, даври синааш 175,3 см, банди пояш 19,6 см.

А. қ. 1000 м-ро дар 1 дақ. 14 сон., 1600 м-ро дар 1 дақ. 53 сон. ва 2400 м-ро дар 2 дақ. 52 сон. тай кардааст. А. қ. то 4520 кг борро кашида метавонад. А. қ.-ро асосан дар РСС Ӯзб., РСС Тоҷ. ва РАСС Қарақалп. мепарваранд. Шумораи А. қ. дар Тоҷикистон 6512 сар (1976).

АСПИ ҚИРҒИЗӢ, зоти маҳаллии саворию боркаш. Аспи қадими киргизӣ. А. қ. ба гармою сармои кӯҳистон мутобиқ аст. Ашҳабӣ, тӯрук, баъзан зард ва қадпасти хурдчусса буда, сари камгӯшт, гардани кӯтоҳу рост, танаи дароз, тахтапушти кӯтоҳи рост, синаи васеъ, пойҳои кӯтоҳ, суми мустаҳкам дорад. Баландиаш

136,0—140,3 см, даври синааш 141,2—142,8 см, банди пояш 17,8—18,4 см, вазнаш то 350 кг. Асосан дар районҳои кӯҳсори РСС Тоҷ., РСС Ӯзб. ва РСС Қаз. мепарваранд. А. қ. саворӣ, боркаш ва ширу гӯштдеҳ аст. Байталаш то 16 л (дар 1 шабонарӯз) шир медиҳад. Зоти А. қ.-ро бо аспҳои асили донӣ, асили саворӣ ва аспҳои зоти навқирғизӣ такмил медиҳанд.

АСПИ ҚУСТАНАЙӢ, зоти саворӣ. Дар к-зу з-дҳои асппарварии вил. Қустанайи РСС Қаз. ва вил. Челябински РСФСР ба вучуд овардаанд.

Ҳамчун зот с. 1951 тасдиқ шудааст. А. қ. асосан зард ва тӯрук, миёначусса буда, баландиаш 157,5 см, даври синааш 184 см, банди пояш 20,3 см. Суръати рекордии давиданаш ба 1600 м 1 дақ. 40,4 сон.; ба 2400 м 2 дақ. 33,4 сон.; 100 км 4 соату 1 дақ. 5 сон. Дар як шабонарӯз то 286,1 км-ро тай менамояд. А. қ.-ро барои такмили зотҳои аспи қазоқӣ истифода мебаранд.

АСПИРАНТУ́РА, дар СССР яке аз воситаҳои асосии тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогӣ. Таҳсил дар А. одатан бо ҳимояи рисолаи номзади ба охир мерасад. А. дар СССР с. 1925 таъсис ёфтааст. А. рӯзона ва ғоибона мешавад. Ба А.-и рӯзона шахсони то 35-сола (ба мӯҳлати 3 с.) ва ба А.-и ғоибона шахсони то 45-сола (ба мӯҳлати 4 с.) қабул карда мешаванд.

Барои супурдани имтиҳони дохилшавӣ ба А. мутахассисони тачрибадор ва шахсони маълумоти олидор роҳ дода мешаванд, ки ба кори илмӣ лаёкат дошта, дар соҳаи ихтисоси интихобкардаашон камаш 2 сол кор кардаанд. Мутахассисони чавон

бо тавсияи шӯрои мактаби олӣ баъди хатми донишкадаи олӣ бевосита ба А. дохил шуда метавонанд. Дохилшавандагон аз рӯи ихтисоси худ, таърихи КПСС ва забони хориҷӣ имтиҳон месупоранд. Пас аз қабул шудан низ онҳо бояд аз фалсафа, забони хориҷӣ ва ихтисосашон (пеш аз химояи диссертация) минимумҳои помзалӣ супоранд. Дар назди АФ РСС Тоҷ. ва як қатор донишгоҳҳои олии республика доир ба соҳаҳои гуногуни илм А. мавҷуд буда, дар онҳо бештар аз 600 наф. аспирантҳо таҳсил мекунанд (1977).

АСПИРА́ЦИЯ (лот. aspiratio — нафаскашӣ), 1) ҳангоми нафасгирӣ дар рохи нафас дармондани ҷисмҳои ғайр (хӯрокреза, лахтаи хун, дандони сунъӣ ва диг. ҷисмҳои сахт). Дар натиҷаи А. рохи нафас газак мегирад ё баста шуда, хатари марг пайдо мешавад. 2) Аз ягон ҷои холиш бадан (шушпарда, бугум ва г.) бо асбобҳои махсус кашида гирифтани бод ва ё зардобе, ки дар натиҷаи касалиҳои гуногун пайдо шудааст.

АСПИ́РАРВАРӢ, соҳаи чорводорӣ. Дар ҳудуди республикаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла РСС Тоҷ. ба А. аз давраҳои пеш аз м. машғуланд. Ҳанӯз 3 ҳаз. сол пеш аз м. аспҳои аргумаки сарзамини Давон ва хатлони мулки Хатлон машҳури кишв. Шарқ будаанд. Аспҳои ин ду сарзамин ба пайдоиши зотҳои ҳозираи каробохирӣ, лақайӣ, ахалтекинӣ, туркманӣ, киргизӣ ва г. асос гузоштаанд. Ғалабаи Рев. Октябрь ва коллективонии х. қ. баҳои боз ҳам тараккӣ кардани соҳаи А. кӯмак расонд. Дар республика 2 з-ди А., 2 станцияи зотпарварӣ, 4 аспхонаи давлатӣ, 2 аспрез (ипподром) ва 2 парваришгоҳи махсуси аспҳои лақайӣ (Кӯктош) ва каробохирӣ (Ҷротеппа) ташкил ёфт. Фермаҳои А.-и к зу с зҳои республика бо мутахассисони баландихтисос таъмин карда шудааст. Ҳоло дар Тоҷикистон асосан зотҳои аспи лақайӣ, каробохирӣ, кисман киргизиро мепарваранд. Дар с зҳои «Кангурт», «Дангара», «Фахробод», ба номи Калинини р-ни Ёвон ва к зҳои «Коммунизм» и р-ни Орҷоникидзеобод, «Съезди 22-юми партия» и р-ни Ҳисор фермаҳои намунавии зотпарвари мавҷуданд. Дар республика (1976) 34 ҳаз. аз ҷумла дар Ҳисор 1119, Регар 1006, вил-ҳои Кӯлоб 12236, Ленинобод 5120 сар аспи мавҷуд аст. Корҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба А. дар кафедраи асппарвариии Ин-ти х. қ-и Тоҷикистон, Ин-ти таҳқиқоти илмии чорводорӣ, Саруправвлениии чорводории ВАҚ и республика ва парваришгоҳҳои махсуси Кӯктошу Ҷротеппа гузаронида мешавад. Нег низ *Аспи*.

Ад.: Массон М. Е. К истории происхождения домашней лошади. «Изв. АН СССР», № 15. Сталинабад, 1954; Аспиарварӣ. Сталинобод, 1964.

Н. О. Мелик

АСР (ар. عصر — қарн), 1. Сад сол. Мас., а. 20 (а. 20) — фосилаи вақти байни 1 янв. 1901 ва 31 дек. 2000 (Дар хусуси тариқи ҳисоби асрҳо ниг. *Солшуморӣ*). 2. Давраи таърихӣ. Мас., *асри биринҷӣ*.

АСРИ БИРИНҶӢ, давраест дар таърихи инсоният, ки одамон бори нахуст аз хӯлаи биринҷӣ истифода мебурданд. Баъди асри санг омадааст. Маснуоти биринҷӣ дар мамлакатҳои Шарқи Наздик хеле барвақт (ҳазорсолаи 4 то м.), дар Европа дертар (ҳазорсолаи 2 то м.) пайдо шуд. Дар А. б. зироаткорӣ, чорводорӣ инкишоф ёфта, муносибатҳои падаршоҳию қавмӣ пурра пойдор гардиданд. Дар Осиёи Миёна А. б. аз охири ҳазорсолаи 3 то м. сар шуда, тақрибан то а-ҳои 9—8 то м. давом кард ва бо кашфи фулузоту оҳан хотима ёфт. Дар А. б. ду навъи асосии ёдгориҳо ба назар мерасанд; дар қисми шимолии Осиёи Миёна осори қабилаҳои чорводор, ки бо номи «доираи дашти» (*маданияти Тозабогоб, маданияти Суяргон, маданияти Замонбобо*); ҷанубӣ (*маданияти Анов* ва маданияти Саполлитеппа) машҳуранд. Дар Тоҷикистон осори давраи биринҷӣ дар бисьёр қасабаҳои Қайроққум ва Вахш ёфт шудаанд.

Ад.: Литвинский Б. А. Окладников А. П., Ранов В. А. Древности Кайрак-Кумов, Д., 1962; Средняя Азия в эпоху камня и бронзы, М.-Л., 1966; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972.

В. А. Ранов.

АСРИ ГЕОЛОГӢ, вохиди нисбии шкалаи геохронологӣ. Мӯҳлатест, ки дар давоми он қабатҳои ҷинсҳои кӯҳи ба вуҷуд омада, табақаи (яруси) геологиро ташкил медиҳанд. Аз рӯи ташхиси изотопӣ давомнокии А. г. дар эраи палеозой қариб 10 млн сол, дар мезозой ва кайнозой — 5—6 млн сол аст. Якчанд А. г. замони геологиро ташкил медиҳад.

АСРИ ОҲАН, давраест дар таърихи инсоният, ки ба он кашф гардидани маъдани оҳан ва тайёр кардани маснуоти оҳани хос аст. Давраи хронологии он аз а-ҳои 9—7 то м. то оғози милод рост меояд. Ҳамаи мамлакатҳо дар замонҳои гуногун А. о-ро аз сар гузаронидаанд. Маснуоти оҳанин ба миқдори зиёд дар бисьёр қасабаҳо ва кабристонҳо тақрибан дар тамоми ҳудуди СССР ёфт шудаанд. Дар кӯрғонҳои скифҳои назди б. Сиёҳ (а. 7 то м — а-ҳои авв. м.) маснуоти оҳанин ёфт шудаанд, ки дар байни онҳо шамшерҳои кӯтоҳ, корд, найза, табар ва г. мавҷуданд. Дар бадали ҳазорсолаи 1 то м. ва нимаи ҳазорсолаи 1 м. дар даштҳои Осиёи Миёна қабилаҳои сершумори саканҳою усунҳо маскун буданд. Дар зиндагии онҳо оҳан аз миёнаҳои ҳазорсолаи 1 то м. васеъ паҳн шуд. Дар воҳаҳои зироаткорӣ давраи оҳан ба замони таъсиси аввалин давлатҳои ғуломдорӣ (Бохтар, Сутд, Хоразм) рост меояд. Дар мавзеъҳои Қайроққум ва Дашти Ашт ёдгориҳои давраи ибтидои А. о. (ҳазорсолаи 1 то м.) ёфт шуданд.

Ад.: Толстов С. П., По древним дельтам Окса и Яксарта, М., 1967.

Э. Ғуломова.

АСРИ САНГ, қадимтарин давраи таърихи инсоният, ки воситаҳои асосии меҳнат аз санг тайёр карда мешуд. Археологҳо дар асоси фарқияти хелҳои олоти сангӣ ва тарзу усули тайёр кардани он А. с.-ро ба чанд давра тақсим мекунанд: давраи палеолити поён (2,6 млн — 40 ҳаз. сол то м.) — вақти асосии зиндагии одамони ибтидоӣ; палеолити боло (40—12 ҳаз. сол то м.), мезолит (12—5 ҳаз. сол то м.), неолит (5—3 ҳаз. сол то м.). Ёдгориҳои А. с. дар тамоми р-ниҳои Тоҷикистон ёфт шудаанд. Осори одами қадимтарин, ки тахминан 250—300 ҳаз. сол пеш зиндагӣ карда буд, дар ҳавзаи д-ҳои Вахш ва Кофарниҳон кашф шуд. Дар Тоҷикистон ёдгориҳои *маданияти Мустье* (70—40 ҳаз. сол то м.), ки ба А. с. оид аст, бисьёранд. Хусусан ҳафриёти қароргоҳҳои *Ҷаробӯра*, Ҷарқутан, *Оғзикичик*, Қайроққум хеле машҳур. Дар ҷан. Тоҷикистон ва Помир боқимондаҳои мезолит, осори палеолити боло дар Шуғнов (Дарвоз) ошкор гардиданд. А. с.-и Тоҷикистон бо маданияти неолити Ҳисор ба охир мерасад. Тадқиқоти *Тутқавул* ва макони *Сои Сайёд* нишон дод, ки аҳолии давраи неолити Тоҷикистон дар ҳолати гузариш аз шикору ҷамъоварӣ ба чорводорӣ ва зироат буд.

Ад.: История таджикского народа, т. 1, М., 1963; Ранов В. А. Каменный век Таджикистана, в. 1, Палеолит, Д., 1965; Средняя Азия в эпоху камня и бронзы, М.-Л., 1966.

В. А. Ранов.

АСРИ САНГУ МИС, энеолит, давраи гуҳариш аз *асри санг* ба *асри биринҷӣ*. Дар Европа давраи энеолитро ба ҳазорсолаи 3 то м., дар Байнаннаҳрайн ва Миср ба ҳазорсолаи 4 то м. нисбат медиҳанд. Дар Осиёи Миёна, дар Туркманистони Ҷанубӣ ёдгориҳои энеолитӣ фаровон аст. Дар қ-кӯҳи Копетдоғ дар ҳазорсолаи 4—3 то м. қасабаҳои зироаткорон ва чорводорон вуҷуд доштанд. Сохти ичтимоии қабилаҳои давраи маданияти энеолити ба мисли *Намозгоҳтеппа* авлодии падаршоҳи буд. Олоти меҳнат ва асбоби рӯзгори онҳо аз санг, устухон, гил ва баъзан аз металл — омехтаи мис бо ягон металли дигар сохта шудааст. Дар Тоҷикистон ва дар диг. районҳои қисми кӯҳии Осиёи Миёна давраи А. с. м. дар бозёфтҳои археологи то ҳол зоҳир нагардидааст.

В. А. Ранов.

АСРОРӢ (тахал., фам. Асроров) Воҳид Мирашурович (тав. 7.10.1917, Хуҷанд), фольклоршиноси советии тоҷик, доктори илми филология, проф., Ходими Хизматишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1977). Аз соли 1941 ҳизматчии Аъзои КПСС аз с. 1949. Ин-ти дусолаи муаллимиро ҳатм намуда

(Тошкент, 1938), то с. 1942 муаллимӣ кардааст. С-ҳои 1942—44 дар сафи Армияи Сурх буд, баъди адои хизмат аввал дар хизмати матбуот буда, сонӣ дар донишкадаҳои олӣ муаллимӣ кардааст. Дар ибтидо барои бачаҳо шеъру ҳикоя менавишт (мачмӯаи «Салом, мактаб», 1951; «Ҳар дуяшон наг», 1962 ва ғ.). Муҳимтарин таълифоти А. доир ба адабиёт ва фольклор иҳост: «Юсуф Вафо» (1957), «Халқ ва адабиёт» (мачмӯаи мақолаҳо, 1967), «Адабиёт ва фольклор» (1968). Тарҷумаи чанд китоб аз забони русӣ ва ӯзбекӣ ба қалами А. тааллуқ дорад. Дар таълифу тартиби китобҳои дарсӣ низ иштирок дорад. («Забони тоҷикӣ», барои синфҳои якум ва дуюм). А. дорандаи чанд медаль. Аз с. 1956 узви ИН СССР мебошад.

АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ ТДМ, яке аз органҳои асосии *Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида.* А. Г. ТДМ мувофиқи Устави ТДМ аз намояндагони ҳамаи давлатҳои аъзои ТДМ иборат буда, ваколатдор аст, ки ҳама гуна масъаларо дар доираи Устави ТДМ дида барояд, ба аъзоёни ТДМ ё Совети Амният доир ба ҳамаи масъалаҳо (ба ҷуз баъзе масъалаҳое, ки ба Совети Амният дахл доранд) тавсияҳо диҳад. А. Г. ТДМ ваколатдор аст, ки принципҳои умумии ҳамкориро дар таъмини амнияту бехатарии байналхалқӣ (аз ҷумла принципҳои яроқпартоӣ ва ба тартиб даровардани мусаллаҳшавиро) дида барояд, ҳама гуна масъалаҳои ба сулҳу амнияти байналхалқӣ дахлдорро мухокима намояд. Қарорҳои А. Г. ТДМ одатан характери тавсиявӣ доранд, яъне иҷрои онҳо барои давлатҳои аъзои ТДМ қонунан ҳатмӣ нестанд, вале иҷрои қарорҳои он оид ба хаёти дохилии ТДМ: қабул ба аъзоии ТДМ ё хориҷкунӣ аз он, интихоби аъзоёни ғайридоимии Совети Амният, Суди байналхалқӣ, таъин кардани Котиби Генералии ТДМ ва ғ. ҳатмӣ мебошанд. А. Г. ТДМ аъзоёни ғайридоимии Совети Амният ва Совети иқтисодӣ-иҷтимоӣ, судьяҳои Суди байналхалқиро (бо якҷоягии Совети Амният) интихоб мекунад. Бо тавсияи Совети Амният А. Г. ТДМ аъзоёни навро ба ТДМ қабул, бюҷети онро тасдиқ, миқдори ҳаққи аъзоии давлатҳоро муайян мекунад. Барои иҷрои вазифаҳои худ А. Г. ТДМ 7 комитети асосӣ дорад: Комитети 1-ум ва Комитети сиёсӣ (оид ба масъалаҳои сиёсӣ, бехатарӣ, аз ҷумла яроқпартоӣ); Комитети 2-юм (оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ), Комитети 3-юм (оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва маданӣ); Комитети 4-ум (оид ба масъалаҳои территорияҳои мустамликаҳо); Комитети 5-ум (оид ба масъалаҳои маъмурӣ ва бюҷетӣ); Комитети 7-ум (оид ба масъалаҳои ҳуқуқ). Комитетҳо масъалаҳои ба зиммаашон гузоштаро мухокима намуда, барои тасдиқ ба А. Г. ТДМ таклифҳои дахлдор пешниҳод мекунанд. А. Г. ТДМ мувофиқи Устав дар ҳолати зарурӣ органҳои махсуси ёрирасонро таъсис мекунад. Дар айни замон Комитети оид ба истифода бурдани фазои кайҳон бо мақсадҳои осоишта, Комитети илмии оид ба таъсири радиацияи атомӣ, Комиссияи доир ба ҳуқуқи савдои байналхалқӣ, Комитети махсуси оид ба масъалаи амалӣ гардонидани Декларация дар бораи додани сохибихтиёрӣ ба мамлакатҳои мустамлика ва халқҳои он, Комиссияи ҳуқуқи байналхалқӣ, Комитети махсуси доир ба апартеид, Комитети махсуси оид ба ҳимояи сулҳ, Комитети махсус барои конференцияи умумиҷаҳонии оид ба яроқпартоӣ, Комитети доир ба барқарор кардани ҳуқуқҳои қонунии фаластиниҳо ва ғ. мавҷуданд. Барои мутобиқати кори комитетҳо дар ҳар як сессияи А. Г. ТДМ Комитети Генералӣ ва дар ҳайати 9 аъзо Комитети оид ба тафтиши иҷрои ваколат ташкил карда мешавад. Ғайр аз он 2 комитети доимӣ мавҷуд аст: Комитети консултативии оид ба масъалаҳои маъмуриву бюҷетӣ ва Комитети оид ба ҳаққи аъзоӣ. Аъзоёни ин комитетҳо аз тарафи А. Г. ТДМ ба мӯҳлати 3 сол интихоб карда мешаванд. Аз с. 1964 органҳои махсуси А. Г. ТДМ вуҷуд доранд, ки ҳамчун ташкилоти автономии байналхалқӣ амал мекунанд: Конференцияи ТДМ оид ба савдо ва тараққиёт (ЮНКТАД, аз с. 1964), Конференцияи ТДМ оид ба масъалаҳои тараққиёти саноат (ЮНИД, аз 1965); Фонди тараққиёти асосӣ (1966).

АССИМИЛЯЦИЯ (лот. assimilatio), монанд шудан, якҷоя шудан, даромехтан.

АССИМИЛЯЦИЯ дар биология, хосил шудани моддаҳои мураккаби организм аз моддаҳои содда; яке аз хосиятҳои хоси организми зинда; анаболизм ҳам меноманд. А. чун яке аз чиҳатҳои мубодилаи модда рушду инкишоф, навшавии организм ва иҷчунин захира кардани моддаҳоро, ки ҳамчун сарчашмаи энергия истифода мешаванд, таъмин менамояд. Вобаста ба тарзи энергиягирӣ, ки барои А. зарур аст, ҳамаи организмҳои зинда ба автотроф ва гетеротроф ҷудо мешаванд. Организмҳои автотроф (растаниҳои сабз, обсабз ва баъзе бактерияҳо) бевосита энергияи нури Офтобро (нигр. *Фотосинтез*) истифода бурда, аз моддаҳои ноорганикӣ моддаҳои органикиро синтез карда метавонанд. Организмҳои гетеротроф (одам, ҳайвонот ва баъзе растанию микроорганизмҳо) моддаҳои тайёри органикиро А. карда, онҳоро чун манбаи энергия ё худ барои таҷдиди организм чун масолеҳ истифода мебаранд. Аксари микроорганизмҳо барои А. энергияро аз ҳисоби реакцияҳои химиявӣ (нигр. *Хемосинтез*) мегиранд. Организми зинда доимо қисмҳои таркибии худро, ки дар натиҷаи *диссимиляция* вайрон мешаванд, барқарор карда, моддаҳои органикиро ҳосил мекунад. Чи тавр гузаштани А. ва таносуби он бо диссимиляция ба намуди организм, синну соли он ва ба муҳити берунӣ вобаста мебошад.

АССИМИЛЯЦИЯ дар геология, процесси таъсири мутақобили магма ва ҷинсҳои атроф. Дар натиҷаи А. магма ҷинсҳои атрофро қисман ё пурра ҳал карда, таркиби худро тағйир медиҳад. Пайдоиши габбро ва диоритҳо дар қисми канории интрузияҳои гранит, ки дар табақаи оҳаксангҳо ҷойгиранд, мисоли процесси А. мебошанд.

АССИМИЛЯЦИЯ дар забоншиносӣ, монандшавии як фонема ба фонемаи дигар. А. вобаста ба дараҷаи монандшавӣ ба ду навъ: пурра ва нопурра ҷудо мешавад. Дар навъи якум ҳар ду овози ҳампаҳлу бо якдигар пурра монанд мешаванд: зуттар — зуттар; дар навъи дуюм овозҳои ҳамсоя ба якдигар қисман монанд мешаванд: шанбе — шамбе. А. вобаста ба мавқеи овозҳо ду навъ мешавад. Дар навъи аввал (А. прогрессивӣ) овози якум ба дуюм ва дар навъи дуюм (А. регрессивӣ) фонемаи дуюм ба якум монанд мешавад. Дар забони тоҷикӣ навъи аввал бештар характернок аст. А.-ро идгом ҳам меноманд. *Т. Хаскашев.*

АССИСТЕ́НТ (лот. assistens — ёрманд), 1) ёрманди мутахассис: дар мактабҳои олӣ — ёрманди профессор (доцент) дар аспои лекция ва машғулиятҳои лабораторӣ ё амалӣ; дар мактаби миёна — ёрманди имтиҳонгиранда; дар касалхонаҳо — ёрманди духтуре, ки ҷараёни касалиро назорат мекунад, мавриди ҷарроҳӣ ёрӣ мерасонад; дар кино, театр, телевизион, радио — ёрманди режиссёр, оператор ва ғ. 2) Дар мактабҳои олии СССР вазифаи штатӣ, унвони якуми илмӣ, ба шахсе дода мешавад, ки маълумоти олӣ ва лаёқати муаллимию кори илмӣ дорад. 3) Дар пазди байраҳбардор ду пасбони фахрии байрақ.

АССО́Р عصار Шамсуддин Муҳаммад ибни Аҳмади Табрезӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1390), шоири форсӣтоҷик. Муосир ва дӯсти Камоли Хуҷандӣ. Дар аксари намудҳои назм шеър суруда, дар чандин соҳаи илм — нуҷум, риёзиёт, ҳандаса, фалсафа ва ғ. маълумоти кофӣ доштааст. Аз ашъори лирикиаш порчаҳои парокандае бокӣ мондааст. Ягона

асари мукаммали А., ки пурра ба мо расидааст, достони романтикии «Мехр ва Моҳ» буда, худи шоир онро «Ишқнома» ҳам номидааст. Достон аз 5120 байт иборат буда, с. 1376 назм шудааст. Дар достон аз ишқу рафоқати шоҳзода Мехр ва писари вазири падараш Моҳ сухан рафта, гоҳи *ваҳдати вуҷуд* дар он мавқеи асосӣ дорад. «Мехр ва Моҳ» дар инкишофи назми озарбойҷон таъсир расондааст.

Ад.: Гулшани адаб, ч. I, Д., 1975.
А. Афсаҳзод.

АССОЦИАТИВӢ, комбинациявӣ, конуни комбинациявӣ, хосияти амалҳои ҷамъ ва зарби ададҳо, ки дар айниятҳои $(a+b)+c=a+(b+c)$ ва $(ab)c=a(bc)$ зоҳир мегардад. Дар маънии умумӣ амали $a*b$ дар сурате ассоциативӣ номида мешавад, ки $(a*b)*c=a*(b*c)$ бошад. Зарби матрицаҳо, гузоришот ва табдилот ба хосияти А. молик аст, вале зарби векторӣ ғайриассоциативӣ мебошад, зеро $[[ab]c]=[a[bc]]$ аст.

АССОЦИАЦИЯ (лот. associatio — муттаҳидшавӣ, пайваст), 1) дар иктисодиёт — муттаҳидшавии ташкилот ва муассисаҳо ё шахсони алоҳида барои ичрои мақсадҳои умумии хочагӣ, сиёсӣ, илмӣ, маданӣ ва г. Ба А.-и иктисоди ширкатҳои акционерӣ, монополиҳо ва ба ин монанд ташкилотҳо мансубанд. 2) Дар биология — мачмӯи организмҳои ҳамчинси наботот ва ҳайвонот, ки дар шароити якхела вуҷуд доранд. 3) Дар геология — мачмуи табақот, чинс ва минералҳои як давраи геологӣ, ки ба онҳо аломатҳои умумии петрографӣ, петрохимиявӣ, металлогенӣ ё мачмуи муайяни ҷанде аз ин аломатҳо хос аст. Мас., А.-и минералӣ — гурӯҳи минералҳои дар як давраи минералҳосилшавӣ (минерализация) ба вуҷудомада. 4) Дар химия — аз ионҳои заряднокшашои мутақобил (дар маҳлули электролитҳо) ҳосилшавии зарраҳои мураккаби аз ҷиҳати термодинамикӣ собит — ассоциатҳо, ки бо ионҳои одӣ пар мувозина ҳастанд. Мас., $Ba^{2+}+[Cl^-]^{-}=[Ba^{2+}Cl^-]^{+}$. 5) Дар психология — робитае, ки дар шароити муайяни баёни ду ва зиёда элементҳои фаъолияти руҳӣ (эҳсосот, дарк, тасаввурот, фикр ва г.) ба вуҷуд меояд. Таъсири ин робита аз он иборат аст, ки пайдоиши як аъзои А. боиси пайдоиши дигараш мегардад. Мувофиқи таснифи Арасту А.-ро ба се категория таксим мекунанд: А. и муштарак (дар фазо ва вақт), шабоҳат (мас., заврак ишта-), тафовут (мас., турш ширин). Рефлексӣ шартӣ, ки И. П. Павлов ошкоф намудааст, асоси психофизиологии А.-ро ташкил мекунад.

АССОЦИАЦИЯҲОИ СИТОРАГӢ, гурӯҳҳои парокандаи ситорагӣ ё навъҳои спектриашон мувофиқ навъи Т-ситораи Савр ошкор шудаанд, пас, метавон гуфт, ки ин ташкилҳо дар як вақт ҳам ОВ-ассоциация ва ҳам Т-ассоциация мебошанд. Кашфи А. с. чун манбаи ташаккули ситорагӣ дар Галактика зинаи муҳими тадқиқоти эволюцияи ситорагӣ гардид.

АССОШИЭЙТЕД ПРЕСС (Associated Press), яке аз калонтарин агентиҳои ахбороти ШМА, с. 1848 таъсис ёфтааст. Ба манфиати доирҳои ҳукмрон кор мекунад. Беш аз 100 ҳаз. наф. корманд (1970) дорад. Агентиҳои бисёр мамлакатҳо (аз ҷумла ТАСС) ахбори А. п.-ро ба таври васеъ истифода мебаранд.

АСТАНГОВ (фам. аслиаш Ружников) Михаил Фёдорович (21. 10. 1900, Варшава — 20. 4. 1965, Москва), актёри совети, Арт. Халқии СССР (1955). Фаъолияти театриаш с. 1920 дар студияи ба номи Шаляпин оғоз ёфт. Дар театрҳои Революция (1925—27, 1930—41), ба номи Моссовет (1943—45) ва Вахтангов (аз с. 1945) кор кардааст. Ба эҷодиёташ драмаи психологӣ хос буд; қаҳрамонҳои ӯ бо характери баланд, эҳсосу афкори фалсафӣ ҳуд фарқ мекарданд. Рольҳои бехтаринаш: образи коммунисти қавируҳ ва нексиришт Григорий Гай («Дӯсти ман» и Н. Ф. Погодин, 1932), Фёдор Таланов («Тохтутоз» и Л. М. Леонов, 1943) ва Маттиас Клаузен («Пеш аз гуруби офтоб»-и Х. Гауптман, 1955). А. инчунин рольҳои Гамлет ва Ромеоро дар фоҷиаҳои У. Шекспир, Сирано де Бержеракро дар пьесаи ҳамноми Э. Ростан (1945) бозидааст. А. дар кино нақшҳои капитан Кости (фильми «Баидиҳо»), Макферсон («Масаъалаи руҳӣ»), генерали немис Енекке («Зарбаи сеюм») ва г.-ро офаридааст. Нақши Коморовский дар фильми «Орлу» яке аз рольҳои барҷастаи уст. Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1948, 1950, 1951). Бо 2 ордени мукофотонида шудааст.



АСТАРАНГ, ниг. *Мардумгиёҳ*.

АСТАРМОЛА (Scrophularia), авлоди растаниҳои як ё бисёрсолаи алафи, баъзан нимбутта, мансуби *астармолоҳо*. Баландиашон то 1 м, баргҳояшон якхут ё пармонанд, гулҳояшон дар тулгули нимсоябоншакл ё тухмамо ва баъзан дар сарои ҷойгиршуда; меваҳояшон тухмаи бисёртухма. А. зиёда аз 300 намуд ро дарбар мегирад. Онҳо дар ними ғайритропикии Нимкураи шимолӣ, масусан дар минтақаи баҳри Миёнаҳамин паҳн шудаанд. Дар СССР (Кавказ, ними Европаи СССР, Сибири Ғарбӣ ва Осиёи Миёна) 74 намуд, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 16 намуд

Астармола: 1 — кисми болоии растаний; 2 — буриши гул; 3 — гўза.

ди А. (S. tadshicorum — ниг. расм, S. seravschanica, S. pamiro-alaica, S. kabadianensis ва г.) вомехўрад. Аксари онҳо дар тибби халқӣ чун гиёҳҳои дорӯй истифода мешаванд. Бештари намудҳои А. захрноканд.

С. Ю. Юнусов.

АСТАРМОЛАИҲО (Scrophulariaceae), оилаи растаниҳои як ё бисьёрсолаи алафӣ, пимбутта, бутта ва дарахт. Баргҳояшон бонавбат ё рӯ ба рӯи ҳамдигар ҷойгиршуда; гулҳояшон дучинсаи 5-барга; меваашон бештар гўзаӣ. А. 200 авлод ва то 3000 намудро, ки дар сар то сари дуньё паҳн шудааст, дарбар мегиранд. Дар СССР 400 намуди А., ки ба 44 авлод мансубанд, вомехўранд. Дар РСС Тоҷ. 100 намуди А. маълум аст. Дар байни А.-и Тоҷикистон растаниҳои дорӯй (Verbascum, Gratiola), захрнок (Scrophularia), бегона (Veronica, Linaria) ва нимпаразитӣ (Rhinanthus, Euphrasia) мавҷуданд. Баъзе намуди А.-ро чун растании ороиӣ (Antirrhinum majus) ва соҳафкан (Paulownia tomentosa) парвариш мекунанд.

Ад.: Флора СССР, т. 22, М.-Л., 1955; Вульф Е. В., Малеева О. Ф. Мировые ресурсы полезных растений, Л., 1969.

С. Ю. Юнусов.

АСТАРОБОД, ниг. *Гиргон.*

АСТАТ (лот. Astatium), астатин, At, элементи химиявии радиоактиви гурӯҳи VII системаи давриии Менделеев; рақами ат. 85. Изотопи собит надорад; изотопи як қадар устувораш ^{210}At буда, даври нимкоҳишаш 8,3 соат аст. Якумин изотопаш ^{211}At с. 1940 (ШМА) дар натиҷаи бо α-заррачаҳо таҷзия кардани висмут ҳосил карда шудааст. Дар табиат вуҷуд доштани изотопҳои ^{215}At, ^{216}At, ^{218}At, ^{219}At (аз коҳиши радиоактивии уран ва торий ҳосилшавида) муқаррар гардидааст. А. хосиятҳои металлӣ ва пометаллӣ зоҳир менамояд. Дар шароити муқаррарӣ ва дар вакуум осон бухор мегардад. Дар металлҳо (Au, Ag, Pt) адсорбция мешавад. Мавҷудияти А.-ро аз рӯи α-коҳиши ядроҳои А. муайян мекунанд.

АСТЕНИЯ (юн. asthéneia — сустӣ, беҳолӣ, нотавонӣ), ҳолати сустии чисмонӣ ва рӯҳии организм. А.-и кӯтоҳмуддат дар давраи сиҳатёбӣ аз бемориҳои сироятии шадид (тиф, грипп, безгак ва г.) ва А.-и дарозмуддат дар вақти бемориҳои музмин (сил, сифилис) ва логаршавӣ аз гуруснагии бардавом мушоҳида мешавад. Заъфи асабӣ-рӯҳиро, ки аз сабабҳои гипогуп (ҳар хел бемориҳои сироятию бесироят, захролудӣ, зарбу латхўрӣ ва г.) рӯй медиҳад, синдроми астенӣ (алоими нотавонӣ) меноманд. Дар ин ҳол системаи асаб сусту нотавон мегардад ва зуд мондашавӣ, баландҳассосӣ ба таъсири ангезаҳои берунӣ (садою равшании баланд, бӯи тезу тунд, мунозира ва г.) ба амал меояд. Ҳангоми синдроми астении вазнин бемор суст, гаранг, рӯҳафтода, инчиқ, гирьёнчак, ваҳмак ва бетоқат шуда, сараш мудом дард мекунад, хобаш ноором мешавад.

Муолиҷа: барҳам додани сабабҳои асосии А.; ба бемор додани дорӯҳои қуввату оромибахш ва хобовар.

АСТЕРОИД (юн. aster — ситора ва eidos — навъ), номи дигари *сайёраи хурд.*

АСТИАГ (юн. қадим astyges) (585/84—550/49 то м.), охирин шоҳи Мод. Дар аҳди А. зиддияти ӯ бо ашрофони Мод пурзўр шуд. *Куруши Кабир* қиём карда, давлати таназзулёфтаи Модро барҳам дод ва сулолаи *Ҳахоманишиён* пойдор гардид. Пойтахти Мод Экбатанро форсҳо ғорат карда, А.-ро асир гирифтанд (550 то м.). Дертар Куруши Кабир А.-ро ҳокими вилояти дурдасти собиқ подшоҳии Мод — Гиркания (Гурген) таъин намуд.

И. В. Пьянков.

АСТИГМАТИЗМ (аз *а*... ва юн. stigmé — нуқта), нуқсони *системаи оптикӣ*, ки ба сабаби кӯчии номунтазами сатҳи оптикӣ дар ҳамвориҳои гуногуни буриши дастаи рӯшноии ба он афтанда ба вуҷуд меояд. Сатҳи мавҷии сферавӣ баъди аз системаи оптикии астигматӣ гузаштан деформация мешавад ва шакли сферавии худро гум мекунад. Дастаи шуои манбаи нуқтагӣ баъди аз системаи оптикӣ гузаштан на дар як нуқта, балки дар ду порчаи ба ҳам перпендикулярӣ хати рост, ки аз якдигар дар ягон масофае воқеанд, ҷамъ мегардад. Тасвирҳо дар буришҳои мобайнӣ шакли эллипс дошта яктои онҳо доирашакл мешавад (расм). А. ё ба сабаби асимметрияи системаи оптикӣ (дар линзаҳои силиндрӣ) ё ҳангоми нисбат ба меҳвари асосии оптикӣ таҳти кунҷи калон афтидани дастаи шуоъ (дар линзаҳои муқаррарӣ) мушоҳида мешавад. А.-и объективро ба воситаи системаи линзаҳо (анастигмат) бартараф кардан мумкин аст. Чашми инсон ҳам А. дошта метавонад.



Дастаи рӯшноие, ки аз системаи оптикии дорои астигматизм мегузарад. Дар поён буришҳои дастаи рӯшной бо ҳамвориҳои ба меҳвари системаи оптикӣ перпендикуляр тасвир ёфтаанд.

АСТИР (استير), воҳиди вазн, баробар ба 4,5 мисқол ё 6,5 дирҳам (20 г). А. ба $\frac{1}{40}$ мани 180 мисқолӣ баробар. Дуним А. вазни махсусеро ташкил медиҳад, ки он дар манбаъ ва ҳуҷҷатҳои а-ҳои 16 — аввали 20 оид ба Осиёи Миёна дунимсер номида мешуд. Дунимсер ё дуним А. ба $\frac{1}{16}$ мани гипогуп баробар.

А. Ягонӣ.

АСТРАХАНЬ (номи қадимиаш — Аштархон), шаҳр, маркази вил. Астрахани РСФСР. Дар қисми болоии дельтаи Волга воқеъ аст. Бандари муҳимтарини дарьёӣ ва бахрии ҳавзаи Волгаю Каспий. Ст. р. о. Аҳол. 466 ҳаз. наф. (1977). Маркази моҳидорӣ ва саноати коркарди моҳӣ. Соҳаҳои асосии саноаташ: хўрокворӣ, коркарди металл, чўбгарӣ ва химия. З-дҳои киштисозӣ ва таъмири киштӣ дорад. Дар А. Ин-ти техникии саноату хоҷагии моҳидорӣ, ин-тҳои тиббӣ, педагогӣ, консерватория, театрҳои драма ва ҷавонон, музеи кишвариносӣ, Хона-музеи С. М. Киров, нигористон мавҷуданд. Яке аз ёдгориҳои қадимиаш ҳисори сангини а. 16 мебошад.

А. бори нахуст дар а. 13 ҳамчун деҳаи Аштархон зикр шудааст. С-ҳои 1459—1556 шаҳри асосии ҳокимони Аштархон буд. Дар а-ҳои 16—19 — маркази муҳими савдо бо Кавказу Закавказия, Осиёи Миёна, Эрон ва Ҳиндустон. Аз с-ҳои 70-уми а. 19 бандари А. мавқеи калон пайдо кард. А. яке аз марказҳои ҳаракати революционист. С. 1903 дар ин ҷо комитети РСДРП ташкил шуд. 25 янв. 1918 дар А. Ҳокимияти Советӣ барпо гардид. А. бо ордени Революцияи Октябрь мукофотонида шудааст (1977).

АСТРАХАНЬ, вилоят дар РСФСР. 27.12.1943 ташкил ёфтааст. Дар ҷанубии ноҳияи иктисодии Поволжия воқеъ аст. Масоҳ. 44,1 ҳаз. км². Аҳол. 919 ҳаз. наф. (1977). Зичии миёнаи

асари мукаммали А., ки пурра ба мо расидааст, достони романтикии «Мехр ва Моҳ» буда, худи шоир онро «Ишқнома» ҳам номидааст. Достон аз 5120 байт иборат буда, с. 1376 назм шудааст. Дар достон аз ишқу рафоқати шоҳзода Мехр ва писари вазири падараш Моҳ сухан рафта, гоҳе *ваҳдати вуҷуд* дар он мавқеи асосӣ дорад. «Мехр ва Моҳ» дар инкишофи назми озарбойҷон таъсир расондааст.

Ад.: Гулшани адаб, ҷ. I, Д., 1975.
А. Афсаҳзод.

АССОЦИАТИВӢ, комбинацияноки, қонуни комбинациявӣ, хосияти амалҳои ҷамъ ва зарби ададҳо, ки дар айниятҳои $(a+b)+c=a+(b+c)$ ва $(ab)c=a(bc)$ зоҳир мегардад. Дар маъниои умумӣ амали $a*b$ дар сурате ассоциативӣ номида мешавад, ки $(a*b)*c=a*(b*c)$ бошад. Зарби матрицаҳо, гузоришот ва табдилот ба хосияти А. молик аст, вале зарби векторӣ гайриассоциативӣ мебошад, зеро $[[ab]c]=[a[bc]]$ аст.

АССОЦИАЦИЯ (лот. associatio — муттаҳидшавӣ, пайваст), 1) дар иқтисодиёт — муттаҳидшавии ташкилот ва муассисаҳо ё шахсони алоҳида барои иҷрои мақсадҳои умумии хоҷагӣ, сиёсӣ, илмӣ, маданӣ ва г. Ба А.-и иқтисодӣ ширкатҳои акционерӣ, монополияҳо ва ба ин монанд ташкилотҳо мансубанд. 2) Дар биология — маҷмӯи организмҳои ҳамҷинси наботот ва ҳайвонот, ки дар шароити якхела вуҷуд доранд. 3) Дар геология — маҷмӯи табақот, чинс ва минералҳои як даври геологӣ, ки ба онҳо аломатҳои умумии петрографи, петрохимияви, металлогении е маҷмӯи муайяни чанде аз ин аломатҳо хос аст. Мас., А.-и минерали — гурӯҳи минералҳои дар як даври минералҳосилшавӣ (минерализация) ба вуҷудомада. 4) Дар химия — аз ионҳои заряднокиашон мутақобил (дар маҳлули электролитҳо) ҳосилшавии заррачаҳои мураккаби аз ҷиҳати термодинамикӣ собит — ассоциатҳо, ки бо ионҳои оддӣ пар мувозина ҳастанд. Мас., $Ba^{2+}+Cl^{-} \rightleftarrows [Ba^{2+}Cl^{-}]^{+}$. 5) Дар психология — робитае, ки дар шароити муайян байни ду ва зиёда элементҳои фаъолияти рӯҳӣ (эҳсосот, дарк, тасаввурот, фикр ва г.) ба вуҷуд меояд; таъсири ин робита аз он иборат аст, ки пайдоиши як аъзои А. боиси пайдоиши дигараш мегардад. Мувофики таснифи Арасту А.-ро ба се категория таксим мекунанд: А.-и муштарак (дар фазо ва вакт), шабоҳат (мас., заврак-кишти), тафовут (мас., турш-ширин). Рефлекси шартие, ки И. П. *Павлов* кашф намудааст, асоси психофизиологии А.-ро ташкил мекунад.

АССОЦИАЦИЯҲОИ СИТОРАГӢ, гурӯҳҳои парокандаи ситораҳои класс ё навъҳои спектриашон муайян. Аввалин А. с.-ро с. 1947 В. А. *Амбарцумян* кашф кард. ОВ-ассоциацияҳо ва Т-ассоциацияҳо ошкор шудаанд. Ба ОВ-ассоциацияҳо ситораҳои тафсони азим ва азимтарини классҳои спектриашон О, ВО, В1 ва В2 дохил мешаванд. Андозаҳои ОВ-ассоциацияҳо аз 40 то 200 *парсек* (пк) буда, ҳар кадоми онҳо аз даҳҳо ситораҳо иборатанд. Майдони ҷозибаи онҳо ситораҳоро нигоҳ дошта наметавонад. Бинобар ин онҳо босуръат васеъ мешаванд. Ҷолиби диққат аст, ки берун аз ОВ-ассоциацияҳо ситораҳои азим ва азимтарини классҳои О-В2-ро наметавон дучор кард. Ин, эҳтимол, чунин маъниро дошта бошад, ки ин гуна ситораҳо дар ҳудуди ОВ-ассоциацияҳо ташаккул ёфта аз таркиби онҳо берун мераванд (дар муддати 10^6—10^7 сол) ва ҳолати физикии худро тағйир дода, ба ситораҳои класси спектрии дигар табдил меёбанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ОВ-ассоциацияҳо чунин минтақаҳои Галактика мебошанд, ки дар даврае ҳозира дар онҳо процесси пайдошавии ситораҳо давом дорад ва синни ситораҳои азими тафсони классҳои ситорагии О-В2 на зиёдтар аз 10^6—10^7 сол аст. Ин хулоса бо назарияи эволюцияи ситораҳо мувофиқат дорад.

Агар ситораҳои класси спектрии О-В2 дар қисми марказии ОВ-ассоциация ташаккул ёфта, баъд ба ҳама тараф дур шудан гиранд, бояд васеъшавии радиалии ОВ-ассоциация мушоҳида шавад, аз ҷумла ҳаракати хусусии ин ситораҳо бояд аз маркази ассоциация ба хориҷи он равон гардад. Ҷой доштани ин ҳодиса ҳанӯз собит нашудааст, зеро ҳаракати хусусии узвҳои ассоциация хеле хурд ва бо хатоҳои мушоҳида ҳамандоза мебошад.

То ибтидои с-хои 70 а. 20 дар Галактика 82 ОВ-ассоциация кашф шудааст (онҳо дар масофаи камтар аз 3,5 килопарсек (кпк) воқеъ гаштаанд). Агар фарз кунем, ки А. с. дар ҳамвории галактикӣ мунтазам тақсим шудаанд, шумораи умумии ОВ-ассоциацияҳо дар Галактика тақрибан ба 4000 мерасад.

Ба ҳайати Т-ассоциацияҳо, ки аз ОВ-ассоциацияҳо хурданд (андозаҳояшон якчанд даҳҳо парсекро ташкил медиҳанд), аз як то даҳҳо ситораҳои тағйирёбандаи навъи Т-ситораи бурҷи Савр дохил мешавад (ба истисноии Т-ассоциацияи бурҷи Ҷаббор, ки адади ин гуна объектҳо дар он ба 220 мерасад). То ибтидои с-хои 70 а. 20 кариб 30 Т-ассоциация кашф шудааст (ҳамаи онҳо дар масофаи на бештар аз 0,5 килопарсек воқеанд). Ҳамаи хулосаҳо дар бораи поступвории ОВ-ассоциацияҳо, ҷавонии узвҳои онҳо, процессҳои ташаккули ситораҳо дар онҳо ба Т-ассоциацияҳо низ мансубанд. Ҷолиби диққат аст, ки дар баъзе ОВ-ассоциацияҳо гурӯҳи ситораҳои навъи Т-ситораи Савр ошкор шудаанд, пас, метавон гуфт, ки ин ташкилаҳо дар як вақт ҳам ОВ-ассоциация ва ҳам Т-ассоциация мебошанд. Кашфи А. с. чун манбаи ташаккули ситораҳо дар Галактика зинаи муҳими тадқиқоти эволюцияи ситораҳо ва системаҳои ситорагӣ гардид.

АССОШИЭЙТЕД ПРЕСС (Associated Press), яке аз калонтарин агентиҳои ахбороти ШМА, с. 1848 таъсис ёфтааст. Ба манфиати доираҳои ҳукмрон кор мекунад. Бештар аз 100 ҳаз. наф. кормандҳо (1970) дорад. Агентиҳои бисьёр мамлакатҳо (аз ҷумла ТАСС) ахбори А. п.-ро ба таври васеъ истифода мебаранд.

АСТА́НГОВ (фам. аслиаш Ружников) Михаил Фёдорович (21. 10. 1900, Варшава — 20 4. 1965, Москва), актёри советӣ, Арт. Халқии СССР (1955). Фаъолияти театриаш с. 1920 дар студияи ба номи Шаляпин огоз ёфт. Дар театрҳои Революция (1925—27, 1930—41), ба номи Моссовет (1943—45) ва Вахтангов (аз с. 1945) кор кардааст. Ба эҷодиёташ драмаи психологӣ хос буд; қаҳрамонҳои ӯ бо характери баланд, эҳсосу афкори фалсафии худ фарқ мекарданд. Рольҳои бехтаринаш: образи коммунисти қавирӯҳ ва нексиришт Григорий Гай («Дӯсти ман»-и Н. Ф. Погодин, 1932), Фёдор Таланов («Тохтутоз»-и Л. М. Леонов, 1943) ва Маттиас Клаузен («Пеш аз ғуруби офтоб»-и Х. Гауптман, 1955). А. инчунин рольҳои Гамлет ва Ромеоро дар фоҷиаҳои У. Шекспир, Сирано де Бержеракро дар пьесаи ҳамноми Э. Ростан (1945) бозидааст. А. дар кино нақшҳои капитан Костя (фильми «Бандиҳо»), Макферсон («Масаъалаи русҳо»), генерали немис Енекке («Зарбаи сеюм») ва г.-ро офаридааст. Нақши Коморовский дар фильми «Орзу» яке аз рольҳои барҷастаи ӯст. Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1948, 1950, 1951). Бо 2 орден мукофотонида шудааст.



АСТАРА́НГ. ниг. *Мардумгиёҳ.*

АСТАРМОЛА́ (Scrophularia), авлоди растаниҳои як ё бисьёрсолаи алафӣ, баъзан нимбутта, мансуби *астармолаиҳо.* Баландиашон то 1 м, баргҳояшон яклухт ё пармонанд; гулҳояшон дар тӯдагули нимсоябоншакл ё тугнамо ва баъзан дар сарак ҷойгиршуда; меваҳояшон ғӯзаи бисьёртухма. А. зиёда аз 300 намудро дарбар мегирад. Онҳо дар кисми ғайритропикии Нимкураи шимолӣ, махсусан дар нохияҳои баҳри Миёназамин паҳн шудаанд. Дар СССР (Кавказ, кисми Европаи СССР, Сибири Ғарбӣ ва Осиёи Миёна) 74 намуд, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 16 наму-

Астармола: 1 — қисми болоии растанӣ; 2 — буриши гул; 3 — ғӯза.

ди А. (S. tadshicorum — ниг. расм, S. seravschanica, S. pamiro-alaica, S. kabadianensis ва ғ.) вомехӯрад. Аксари онҳо дар тибби халқӣ чун гиёҳҳои дорӯӣ истифода мешаванд. Бештари намудҳои А. заҳрноканд.

С. Ю. Юнусов.

АСТАРМОЛАИҲО (Scrophulariaceae), оилаи растаниҳои як ё бисьёрсолаи алафӣ, нимбутта, бутта ва дарахт. Баргҳояшон бонавбат ё рӯ ба рӯи ҳамдигар ҷойгиршуда; гулҳояшон дучинсаи 5-барга; меваашон бештар ғӯзаӣ. А. 200 авлод ва то 3000 намудро, ки дар сар то сари дунёё паҳн шудааст, дарбар мегиранд. Дар СССР 400 намуди А., ки ба 44 авлод мансубанд, вомехӯранд. Дар РСС Тоҷ. 100 намуди А. маълум аст. Дар байни А.-и Тоҷикистон растаниҳои дорӯӣ (Verbascum, Gratiola), заҳрнок (Scrophularia), бегона (Veronica, Linaria) ва нимпаразитӣ (Rhinanthus, Euphrasia) мавҷуданд. Баъзе намуди А.-ро чун растании ороишӣ (Antirrhinum majus) ва соҳафкан (Paulownia tomentosa) парвариш мекунанд.

Ад.: Флора СССР, т. 22, М.-Л., 1955; Вульф Е. В., Малеева О. Ф., Мировые ресурсы полезных растений, Л., 1969.

С. Ю. Юнусов.

АСТАРОБОД, ниг. *Гурғон.*

АСТАТ (лот. Astatium), астатин, At, элементи химиявии радиоактиви гурӯҳи VII системаи даврии Менделеев; рақами ат. 85. Изотопи собит надорад; изотопи як қадар устувораш ^{210}At буда, даври нимкоҳишаш 8,3 соат аст. Якумин изотопаш ^{211}At с. 1940 (ШМА) дар натиҷаи бо α-заррачаҳо таҷзия кардани висмут ҳосил карда шудааст. Дар табиат вуҷуд доштани изотопҳои ^{215}At, ^{216}At, ^{218}At, ^{219}At (аз коҳиши радиоактивии уран ва торий ҳосилшаванда) муқаррар гардидааст. А. хосиятҳои металлӣ ва нометаллӣ зоҳир менамояд. Дар шароити муқаррарӣ ва дар вакуум осон бухор мегардад. Дар металлҳо (Au, Ag, Pt) адсорбция мешавад. Мавҷудияти А.-ро аз рӯи α-коҳиши ядроҳои А. муайян мекунанд.

АСТЕНИЯ (юн. asthéneia — сустӣ, беҳолӣ, нотавонӣ), ҳолати сустии чисмонӣ ва рӯҳии организм. А.-и кӯтоҳмуддат дар давраи сиҳатёбӣ аз беморихои сироятии шадид (тиф, грипп, безгак ва ғ.) ва А.-и дарозмуддат дар вақти беморихои музмин (сил, сифилис) ва логаршавӣ аз гуруснагии бардавом мушоҳида мешавад. Заъфи асабӣ-рӯҳиро, ки аз сабабҳои гуногун (ҳар хел беморихои сироятию бесироят, заҳролудӣ, зарбу латхӯрӣ ва ғ.) рӯй медиҳад, синдроми астенӣ (алоими нотавонӣ) меноманд. Дар ин ҳол системаи асаб сусту нотавон мегардад ва зуд мондашавӣ, баландҳассосӣ ба таъсири ангезаҳои берунӣ (садою равшании баланд, бӯи тезу тунд, мунозира ва ғ.) ба амал меояд. Ҳангоми синдроми астении вазнин бемор суст, гаранг, рӯҳафтода, инҷиқ, гирьёнчак, ваҳмак ва бетоқат шуда, сараш мудом дард мекунад, хобаш ноором мешавад.

Муолиҷа: барҳам додани сабабҳои асосии А.; ба бемор додани дорухои қуввату оромибахш ва хобовар.

АСТЕРОИД (юн. aster — ситора ва eidos — навъ), номи дигари *сайёраи хурд.*

АСТИАГ (юн. қадим astyges) (585/84—550/49 то м.), охирин шоҳи Мод. Дар аҳди А. зиддияти ӯ бо ашрофони Мод пурзӯр шуд. *Куруши Кабир* қиём карда, давлати таназзулёфтаи Модро барҳам дод ва сулолаи *Ҳахоманишиён* пойдор гардид. Пойтахти Мод Экбатанро форсҳо ғорат карда, А.-ро асир гирифтанд (550 то м.). Дертар Куруши Кабир А.-ро ҳокими вилояти дурдасти собиқ подшоҳии Мод — Гиркания (Гурғон) таъин намуд.

И. В. Пьянков

АСТИГМАТИЗМ (аз *а*... ва юн. stigmé — нуқта), нуқсони *системаи оптикӣ*, ки ба сабаби качии номунтазами сатҳи оптикӣ дар ҳамворихои гуногуни буриши ластаи рӯшнои ба он афтанда ба вуҷуд меояд. Сатҳи мавҷии сферавӣ баъди аз системаи оптикии астигматӣ гузаштан деформация мешавад ва шакли сферавии худро гум мекунад. Дастаи шуои манбаи нуқтагӣ баъди аз системаи оптикӣ гузаштан на дар як нуқта, балки дар ду порчаи ба ҳам перпендикуляри хати рост, ки аз якдигар дар ягон масофае воқеанд, ҷамъ мегардад. Тасвирҳо дар буришҳои мобайнӣ шакли эллипс дошта яктои онҳо доирашакл мешавад (расм). А. ё ба сабаби асимметрияи системаи оптикӣ (дар линзаҳои цилиндрӣ) ё ҳангоми нисбат ба меҳвари асосии оптикӣ таҳти кунҷи калон афтидани дастаи шуоъ (дар линзаҳои муқаррарӣ) мушоҳида мешавад. А.-и объективро ба воситаи системаи линзаҳо (анастигмат) бартараф кардан мумкин аст. Чашми инсон ҳам А. дошта метавонад.



Дастаи рӯшноие, ки аз системаи оптикии дорои астигматизм мегузарад. Дар поён буришҳои дастаи рӯшной бо ҳамвориҳои ба меҳвари системаи оптикӣ перпендикуляр тасвир ёфтаанд.

АСТИР (استیر), воҳиди вазн, баробар ба 4,5 мисқол ё 6,5 дирҳам (20 г). А. ба $\frac{1}{40}$ мани 180 мисқолӣ баробар. Дуним А. вазни махсусеро ташкил медиҳад, ки он дар манбаъ ва ҳуҷҷатҳои а-ҳои 16 — аввали 20 оид ба Осиёи Миёна дунимсер номида мешуд. Дунимсер ё дуним А. ба $\frac{1}{16}$ мани гуногун баробар.

А. Ягонӣ.

АСТРАХАНЬ (номи қадимиаш — Аштархон), шаҳр, марказ вил. Астрахани РСФСР. Дар кисми болои дельтаи Волга воқеъ аст. Бандари муҳимтарини дарьёӣ ва баҳрии ҳавзаи Волгаю Каспий. Ст. р. о. Аҳол. 466 ҳаз. наф. (1977). Маркази моҳидорӣ ва саноати коркарди моҳӣ. Соҳаҳои асосии саноаташ: хӯрокворӣ, коркарди металл, чӯбгарӣ ва химия. З-дҳои киштисозӣ ва таъмири киштӣ дорад. Дар А. Ин-ти техникии саноату хочагии моҳидорӣ, ин-тҳои тиббӣ, педагогӣ, консерватория, театрҳои драма ва ҷавонон, музеи кишваршиносӣ, Хона-музеи С. М. Киров, нигористон мавҷуданд. Яке аз ёдгориҳои қадимиаш ҳисори сангини а. 16 мебошад.

А. бори нахуст дар а. 13 ҳамчун деҳаи Аштархон зикр шудааст. С-ҳои 1459—1556 шаҳри асосии ҳокимони Аштархон буд. Дар а-ҳои 16—19 — маркази муҳими савдо бо Кавказу Закавказия, Осиёи Миёна, Эрон ва Ҳиндустон. Аз с-ҳои 70-уми а. 19 бандари А. мавқеи калон пайдо кард. А. яке аз марказҳои ҳаракати революционист. С. 1903 дар ин ҷо комитети РСДРП ташкил шуд. 25 янв. 1918 дар А. Ҳокимияти Советӣ барпо гардид. А. бо ордени Революцияи Октябрь мукофотонида шудааст (1977).

АСТРАХАНЬ, вилоят дар РСФСР. 27.12.1943 ташкил ёфтааст. Дар ҷанубӣ ноҳияи иқтисодии Поволжия воқеъ аст. Масоҳ. 44,1 ҳаз. км². Аҳол. 919 ҳаз. наф. (1977). Зичии миёнаи

ВИЛОЯТИ АСТРАХАНЬ
ВИЛ ВОЛГОГРАД
РСС КАЗОКИСТОН
ВИЛ. УРАЛ
ВИЛ. ГУРЬЕВ
БАТПАЙСАГИР
РЕГЗОРИ МЕНТЕКЕ
АСТРАХАНЬ
Сартулин
Четибой
Урда
Сетаки
Шунгай
Ширанкул
Талап
Карагой
Покровка
Охтубинск
Верхний Баскунчак
Нижний Баскунчак
Тамдыгалан
Суюндик
Шикир
Нов Уштаган
Черный Яр
Новопокровка
Болтинка
Сокрутинка
Конгертерек
Ангир
Ивановка
Михайловка
Ветлянка
Сагинкеш
Харабали
Тамбовка
Стрелинное
Волжное
Хошутово
Каракуйк
Сарпа
Кутум
Сероглазка
Полянкино
Замьяны
Верхнелебяжье
Нижнелебяжье
Красный Яр
Марфино
Ганюшкино
Калинино
Ивановка
Ильинка
Оленьи Рога
Трудовое
Ленинск
Сарпинский
Ставка
Ленинский
Приютное
Лагань
Ставка
Ленинский

ҳонии «Аполлон» нишон дод, ки дар Моҳ ҳақиқатан ҳаёт нест. Дар Миррих атмосфера ниҳоят тунук (фишори мутлақ ~ 1 кН/м², яъне 10 мбар ё ки 1000 Па), миқдори буги об хеле ночиз (оби моеъ нест), ҳарорати миёна хеле паст (—55° С) мебошад; бо вуҷуди ин, чунонки таҷрибаҳои лабораторӣ нишон дод, дар ин гуна шароит баъзе намудҳои ҳаёти рӯи заминӣ вуҷуд дошта метавонад. Аммо станцияи автоматии байнисайёравии ШМА «Викинг», ки с. 1976 ба сатҳи Миррих нишаст, хабар дод, ки алҳол дар таркиби хоки Миррих микроорганизмҳо ёфт нашудаанд.

Ҳалли куллии проблемаи мавҷудияти ҳаёт дар диг. сайёраҳо фақат дар мавриди тадқиқоти бевоситаи онҳо бо аппаратҳои кайҳонии махсус мумкин мегардад. Умед ҳаст, ки ояндаи наздик проблемаи ҳастию нестии ҳаёт дар сайёраҳои системаи Офтоб ҳал карда шавад. Лоиҳаи таҷрибаҳои илмии бо ёрии аппаратҳои автоматӣ муайян кардани ҳастию нестии ҳаёт дар ҷирмҳои кайҳонии диг. ба ақидае такья мекунад, ки асоси ҳаёт дар ҷирмҳои диг. низ (чун дар Замин) карбогидридҳо мебошанд. Асосҳои дигари мавҷудияти ҳаёт (аммиак, силиций) аз эҳтимол дуранд. Далели муҳими асоси карбогидридӣ доштани ҳаёт ин аст, ки (чунонки тадқиқи муфассали моддаи ибтидоии метеоритӣ — хондритҳои ангиштӣ нишон медиҳад) ташаккули пайвастҳои бағоят мураккаб (антрацен, фенантрен ва ҳатто ҷузъҳои асосии кислотаи дезоксирибонуклеин — адеин ва гуанин) ҳанӯз дар туманоти газӣ ва гардии ибтидоӣ, яъне дар марҳалаи то шакл гирифтани сайёра ба вуқӯъ омада метавонад; баъд ин моддаи органикӣ ба таркиби ҷузъиёти ташкилдиҳандаи сайёра дохил шуда, дар шароитҳои мусоид ба инкишофи ҳаёт сабаб гашта метавонад.

Ҷустуҷӯи мавҷудияти ҳаёт берун аз системаи Офтоб яке аз проблемаҳои муҳими А. аст. Басе ситорахои Галактикаи мо метавонанд сайёрахое дошта бошанд, ки он ҷо барои мавҷудияти ҳаёт ва ҳатто тамаддуни шароити мусоид хаст. Шумораи сайёраҳои назар ба Замини мо мутараққитар дар асоси тахминҳои гуногун аз ҳазор то садҳо миллион мерасад. Аммо ҳатто дар сурати садҳо миллион будани адади ин гуна сайёрахо наздиктарини онхо аз Замин дар масофаи даҳҳо ва ҳатто садҳо *парсек* (1 пк = 30,86 · 10^{12} км) дур мебошанд. Алоқаи бевосита бо ин гуна сайёрахо ҳанӯз аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, ба дунёҳои мутамаддин дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти илму техника бо ёрии радиосигналҳо алоқа кардан умедбахш менамояду бас. Барои амалӣ гардондани ин гуна алоқа самти фиристондани сигнал, дарозии радиомавҷҳо, мазмуни сигнал ва шифри онро дуруст интихоб кардан лозим аст. Олими америкоӣ Фр. Дрейк дар радиообсерваторияи Грин-Банк аз с. 1960 то ҳол дар ҳамин роҳ кӯшида, аммо ҳанӯз натичаи мусбат ба даст наовардааст. Ин масъала мавзӯи тадқиқоти як қатор муассисаҳои илмии СССР, ШМА ва диг. мамлакатҳо мебошад.

АСТРО́ГРАФ (аз *астро...* ва юн. gráphō — менависам, тасвир мекунам), афзори астрономӣ барои ба сурат гирифтани объектҳои кайҳонӣ.



Астрографи 40-сантиметраи Цейсс-Йена дар Расадхонаи астрономии Ҳисор.

А.-ро аз рӯи схемаи рефрактор, *рефлектор* ва ё *телескопи* оинагӣ — линзагӣ месозанд. Дар қисми окулярии А. кассетаи фотопластинкадор гузошта мешавад, ки чун қабулкунандаи шуоъафкании ҷирм хизмат мекунад.

АСТРОДИНА́МИКА (аз *астро...* ва юн. dýnamis — қувва), фасли *механикаи осмонӣ*, ки ҳаракати ҷисмҳои осмонии маснӯъ — радифҳои маснӯи Замин (РМЗ), радифҳои маснӯи Моҳ (РММ), станцияҳои автоматии байнисайёравӣ ва аппаратҳои кайҳониро меомӯзад. А пас аз парвози аввалин РМЗ дар СССР бо суръати калон тараққӣ кард.

А. чун шохаи механикаи осмонии классикӣ, ки ҳаракати ҷисмҳои осмонии табиӣ ё ҷисмҳои фаразиро дар ҷаҳорчӯбаи ин е он фарзия меомӯзад, ба миён омад. Хусусияти А. аз он иборат аст, ки вай дар масъалаҳои худ ғайр аз қувваҳои ҷозибаи байни ҷирмҳои осмонӣ (мувофики қонуни ҷозибаи Ньютон), инчунин муқовимати атмосферан Замин, фишори шуоъҳои Офтоб, майдони магнитии Замин, қувваҳои кашиши муҳаррикҳои ба ҷирми маснӯъ шинонда шударо низ ба назар мегирад. А. ба тадқиқи математикии муодилаҳои дифференциалии ҳаракати ҷисмҳои осмонии маснӯъ асос ёфтааст. Дар тартиб додани муодилаҳои ҳаракат роҷеъ ба масъалаҳои А., ки назар ба муодилаҳои механикаи осмонӣ мураккабтаранд (аз сабаби зиёд будани шумораи қувваҳои ба ҷисми осмонии маснӯъ таъсиркунанда) ба комьёбиҳои механикаи таҳлилӣ, аэродинамика, назарияи идораи автоматӣ ва г. такья карда мешавад.

Ҳангоми кашидани лоиҳаи мадор, ки яке аз вазифаҳои асосии А. аст, шароити раҳоиш, программаи идораи ҷисми кайҳонии маснӯъ пешакӣ муайян карда мешавад. Одатан ҷисмҳои осмонии маснӯъро бо ёрии ракетаҳои бисьёрзина сар медиҳанд. Ракета баъди раҳоиш ҷанде аз ҳисоби қувваи кашиши муҳаррикҳои реактивӣ ҳаракат мекунад. Ин қисми фаъоли траекторияи ракета мебошад. Баъди ҷудо шудани зинаи охирини ракета аппарати кайҳонӣ ба ҷисми осмонии маснӯъ табдил меёбад. Ҳаракати баъдинаи он дар мадор аз ҳисоби инерция ба вуқӯъ меояд. Ин лаҳза лаҳзаи ба мадор баромадани ҷисми осмонии маснӯъ ҳисоб мешавад. Ҳаракати ояндаи ҷисми маснӯъ бо вазъияти суръати он ва қувваҳои пассиву актив (идоракунанда)-и ба он таъсиркунанда муайян мешавад. Ин гуна ҳаракати ҷисмро ба воситаи муодилаҳои ҳаракат таҳлил ва ҳисоб кардан мумкин аст.

Ҳисобу китоби вазъият ва суръати ибтидоии ҷисмҳои осмонии маснӯъ, ки мадорашон ба мадори пешакӣ интихобшуда мувофиқат мекунад, яке аз масъалаҳои муҳимми лоиҳасозии мадор мебошад. Масъалаи дигари хеле муҳими А — масъалаи аз як мадор ба мадори диг. гузаштани ҷисми кайҳонии маснӯъ мебошад, зеро дар аксар мавридҳо ҷисмро бевосита ва якбора ба мадори даркорӣ баровардан имконнопазир ё аз ҷиҳати энергетикӣ номуфид аст. Масъалаҳои ислоҳ (коррекция) кардани мадор, ба диг. мадор гузаштан, ба Замин баргаштан, ба рӯи Моҳ ва ё сайёрае нишастани аппаратҳои кайҳонӣ низ ба А. тааллуқ доранд. Масъалаи коркардабарои программаи оптималии идоракунии ҳаракат ҳангоми аз як мадор ба мадори диг. гузаштан назар ба масъалаҳои механикаи осмонии классикӣ ба куллӣ наванд ва ҳалли онҳо татбики усулҳои математикии назарияи идоракуниро талаб мекунад. Амалан истифода бурдани натичаҳои математикии А. дар масъалаҳои аз як мадор ба мадори диг. гузаштан ба ҳалли масъалаҳои инженерӣ-техникии аппаратсозӣ ва идоракунии автоматии онҳо зич алокаманд аст.

Дар А. масъалаҳои таҳлил ва кашидани лоиҳаи ҳаракати чарҳзании аппаратҳои маснӯъ (нисбат ба маркази инерцияи онҳо) аҳамияти калон дорад, зеро дар аксари мавридҳо нисбат ба фазо тағьир ёфтани ориентацияи аппарати кайҳониро дар муд-

дати парвоз дониcтан лозим мешавад. Вале омӯзиши амалии проблемаи ҳаракати чархзании аппаратҳои маснӯъ назар ба омӯзиши ҳаракати чархзании чисмҳои кайҳонии табиӣ мураккабтар аст, чунки дар ин сурат муқовимати атмосфера (эффекти аэродинамикӣ), таъсири қувваҳои магнитӣ ва фишори рӯшноиро ба назар гирифтан лозим меояд. Ҳалли ин масъала барои дар самти зарурӣ устувор нигоҳ доштани ориентацияи аппарати кайҳонӣ аҳамияти амалӣ дорад.

АСТРОИДА (аз *астро...* ва юн. eidos — намуд), хати каҷе (расм), ки онро нуқтаи P-и давраи радиусаш $\frac{R}{4}$ ҳангоми дар дохили давраи беҳаракати радиусаш R ғелидан, мекашад. Муодилаи А. дар системаи координатаҳои ростқунҷа $x^{2/3} + y^{2/3} = R^{2/3}$ аст. А. хати тартиби 6-ум мебошад.



АСТРОЛОГИЯ, (аз *астро...* ва юн. logos — таълимот), таълимоти бардуруғе, ки мувофиқи он гӯё аз рӯи мавқеи чирмҳои осмонӣ (махсусан сайёраҳо) ояндаю фарҷоми амал, тақдири шахсони алоҳида ва халқҳоро пешгӯи кардан имконпазир бошад. Ниг. низ *Нуҷум*.

АСТРОМЕТРИЯ (аз *астро...* ва *метрия*), фасли *астрономия*, ки вазифаи он аз сохтани системаи инерциалии асосии координатаҳо барои ченкуниҳои астрономи, муайян кардани мавқеъ ва ҳаракати объектҳои осмонӣ, омӯзиши қонуниятҳои гардиши Замин ва ҳисоби вақт, инчунин муайян кардани қимати собитаҳои асосии астрономи иборат аст. Бо методҳои А. параллаксҳо ва диаметрҳои кунҷии чирмҳои осмонӣ, андоза ва мавқеи объектҳои сатҳи онҳоро чен мекунанд. Дар А. масъалаҳои таҳияи усулҳои мукаммали мушоҳида ва конструкцияҳои нави афзор, тадқиқи таъсири омилҳои гуногун (градиенти ҳарорат, рефракцияи атмосфери ва ғ.) ба дарачаи саҳеҳии ченкунӣ аҳамияти калон дорад. А с т р о н о м и я и с ф е р а в ӣ, ки усулҳои математикии омӯзиши мавқеи зоҳирӣ ва ҳаракати объектҳои осмонӣро муоина мекунад, а с т р о н о м и я и а м а л ӣ, ки усулҳову афзорҳои муайян кардани вақт, координатаҳои географӣ ва азимутҳои самтҳои рӯи Заминро муоина мекунад, а с т р о н о м и я и ф у н д а м е н т а л ӣ, ки дар асоси мушоҳидаҳои визуалии меридиани ва киматҳои ададии муҳимтарин собитаҳои астрономӣ каталоги ситорахоро тартиб медиҳад ва координатаҳои чирмҳои осмонӣро муайян мекунад ва ғ. Машғул аст ва а с т р о н о м и я и ф о т о г р а ф и, ки бо ёрии астрографҳо қитъаҳои осмонро ба сурат гирифта, аз рӯи каталоги ситораҳои маълум координатаҳо ва ҳаракати хусусии объектҳои дигарро муайян мекунад, низ ба А. дохил мешаванд. С-ҳои 50—60 пайваста бо прогресси тадқиқи Кайҳон дар А. вазифаҳои нав ба миён омад: муайян кардани координатаҳои объектҳои тезҳаракати осмонӣ (радифҳои маснӯъ), ченкуниҳои астрометрӣ аз борти аппаратҳои кайҳонӣ ва аз сатҳи Моҳ, ориентацияи радифҳои маснӯъ, зондҳои кайҳонӣ ва ғ. Натиҷаҳои тадқиқоти астрометрӣ дар фаслҳои дигари астрономия — механикаи осмонӣ, астрофизика, астрономияи ситоравӣ, инчунин дар геодезия ва геофизика васеъ истифода мешаванд.

АСТРОНАВТ (аз *астро...* ва юн. nautes — баҳрнавард), истилоҳи ҳаммаъно кайҳоннавард, ки дар ШМА ва чанд мамлакати диг. истифода мешавад.

АСТРОНАВТИКА, муродифи космонавтика. Ниг. *Кайҳоннавардӣ*.

АСТРОНОМИЯ (аз *астро...* ва юн. nomos — қонун), илм дар бораи сохт ва инкишофи чисмҳои кайҳонӣ, системаҳои онҳо ва умуман Коинот. Асоситарин қисмҳои А. инҳоанд: *Астрометрия*, ки вазифааш аз сохтани системаи координатаҳои инерциалӣ барои ченкуниҳои астрономӣ, муайян кардани мавқеъ ва ҳаракати объектҳои осмонӣ, омӯзиши қонуниятҳои гардиши Замин ва ҳисоби вақт, муайян кардани қимати собитаҳои астрономӣ иборат аст (ба астрометрия инчунин а с т р о н о м и я и с ф е р а в ӣ, ки методҳои математикии муайян кардани вазъияти намоёни объектҳои кайҳонӣ ва ҳаракати онҳоро дарбар мегирад ва а с т р о н о м и я и а м а л ӣ, ки назарияи асбобҳои зовиясанҷ ва истифодаи онҳоро барои муайян кардани вақт, арзу тӯли географӣ ва азимутҳои самт меомӯзад, мансубанд); м е х а н и к а и о с м о н ӣ (А.-и назариявӣ), ки ҳаракати чирмҳои осмонӣ ва аз чумла ҳаракати объектҳои кайҳонии маснӯъро *(астродинамика)*; *астрофизика*, ки сохти дохилӣ, таркиби химиявӣ ва хосиятҳои физикии чисмҳои осмонӣ, атмосфераи Офтоб, ситораҳову сайёраҳо, манбаъҳои энергияи шуоъ, материяи диффузӣ ва ғ.-ро меомӯзад; р а д и о а с т р о н о м и я, ки ба омӯзиши радиотобишҳои чисмҳои осмонӣ ва материяи байниситоравӣ, усулҳои радиолокационии тадқиқи метеорҳо ва сайёраҳо машғул аст; а с т р о н о м и я и с и т о р а в ӣ, ки системаи ситораҳои Галактикаи моро таҳқиқ мекунад; к о с м о г о н и я, ки пайдоишу инкишофи чисмҳои алоҳидаи осмонӣ ва системаҳои онҳо ва аз чумла системаи Офтобро муоина мекунад ва *космология*, ки қонунинат ва сохти Коинотро томро меомӯзад, мансубанд.

А. илми қадима буда, ба гуфти Ф. Энгельс, дар заминаи зарурати ҳаёти моддии одамон ба вуҷуд омадааст. Бодиянишинони қадим ба вазъияти ситораҳо нигоҳ карда, чорворо ба чарогоҳҳои нав меронданд. Корҳои деҳқонӣ низ пешакӣ донистани давомати фаслҳои солро талаб мекард. Мас., дар Миср пеш аз оғози корҳои х. қ. д. Нил ба туғьён меомад. Коҳинон пай бурданд, ки д. Нил одатан баъди 2—3 рӯзи тулӯи ситораи Шабоҳанг (Корвонкуш, Сириус) ба туғьён меояд. Зуҳури ситораи Шабоҳанг мисриёнро аз оғози кишту кор хабар медод. «Эҳтиёҷоти ҳисоб кардани мавсими туғьёни д. Нил астрономияи Мисрро ба вуҷуд овард» (К. Маркс). Пайдоиши тақвим яке аз муваффақиятҳои барчастаи А. аст. Дарьёнавардон ҳам ба донистани самтҳои олам ва вақти аниқ эҳтиёҷ пайдо карданд. Ба ҳамин тариқ А. дар гузаштаи хеле дур, дар оғози маданияти инсон ба туфайли талаботи амалӣ (пешгӯии ҳодисаҳои табиат дар фаслҳои гуногуни сол, баҳрнавардӣ, солшуморӣ, тартиб додани тақвим ва ғ.) ба вуҷуд омад. Дар ин хусус бозьёфтҳои таъриҳӣ (дар Байнаннаҳрайн, Миср, Ҳиндустон, Хитой, Америкаи Ҷанубӣ, Мексика, Европа) шаҳодат медиҳанд. Бо мурури замон аҳамияти амалии А. боз ҳам афзуд ва ба тараққиёти илмҳои табиатшиносӣ таъсир расонд.

А.-и давраи қадимро асосан мушоҳидаҳои астрономӣ ташкил медод. Мисриён ва бобулиён дар а. 6 то м. ҳам гирифти Офтобу Моҳ ва давра ба давра такрор ёфтани онро пешакӣ муайян мекарданд. Гирифтеро, ки тақрибан дар 18 солу 10 шабонарӯз такрор мешавад, *сарос* номида буданд. Дар Юнони Қадим А. муваффақиятҳои муҳим ба даст овард. Пифагор (а. 6 то м.) шакли кура доштани Заминро тарғиб кард. Гиппарх (а. 2 то м.) зиҷе тартиб дод, ки вазъи 1028 ситораи осмонро нишон медод. Вай масофаи байни Замину Моҳро муайян намуд ва мафҳуми арзу тӯли географиро ба илм дохил кард. Птолемей (Батлимус, а. 2) муваффақиятҳои он вақтро дар *«Алмаҷастӣ»* ҷамъбаст кард ва назарияи *системаи геоцентрии олам*ро ба миён овард. Аз рӯи таълимоти Птолемей Замин маркази олам дониста мешуд. Птолемей барои баёни кардани ҳаракати ҳалқамонанди сайёраҳо даврҳои иловагӣ (эпициклҳо)-ро истифода бурд, ки маркази онҳо аз рӯи даврҳои асосӣ (деферент) мунтазам ҳаракат мекарданд. Агарчи системаи геоцентрии Птолемей нодуруст буд, бо вуҷуди ин имкон дод, ки мавқеи сайёраҳо пешакӣ ҳисоб карда шавад. А. дар давоми якуним ҳаз. сол ба таълимоти Птолемей такя кард ва бо бунёд шудани *системаи гелиоцентрии олам* ба давраи нави тараққиёт рӯ овард.

Вақте ки дар Европаи асрҳои миёна ба сабаби пурзӯр шудани дин илмҳои табиатшиносӣ рӯ ба таназзул оварданд, А. дар мамлакатҳои Шарқ васеъ ривоҷ ёфт. С. 827 бо амри халифаи аббосӣ Маъмун (786—833) «Алмачастӣ» аз юнонӣ ба арабӣ тарҷума шуда буд. Дар Бағдоду Раққа расадхонаҳои астрономи сохта шуданд. Нахустин зичро дар Шарқ Муҳаммади *Хоразмӣ* тартиб дод. Охири а. 9 ва аввали а. 10 *Баттонӣ* (тақр. 850—929) ҷадвали саҳеҳтари ҳаракати Офтоб ва Моҳро тартиб дод, қимати тамоюли эклиптика ва прецессияи солонаро саҳеҳтар муайян кард. *Абулвафои Бузҷонӣ* (940—998), ки дар расадхонаи Бағдод кор мекард, яке аз номунтазамиҳои ҳаракати Моҳро ошкор сохт. Ӯ низ бузургии тамоюли эклиптикаро (23°35′) ҳисоб кард, ки аз натиҷаҳои ҳозира ҳамагӣ 35″ фарқ мекунад. Астрономи машҳури тоҷик *Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ* (ваф. тақр. с. 1000) дар расадхонаи ш. Рай мушоҳида гузаронда, нахустин бор тағйирёбанда будани қиматҳои тӯли апогеи Офтоб ва тамоюли эклиптикаро муайян кард, ҳалли ҷолиби диққати теоремаи синусҳоро барои секунҷаҳои сферавӣ нишон дод. Секстанти ӯ, ки дар таъриҳ бо номи «Судси Фахрӣ» машҳур аст, дар расадхонаҳои Шарқ асбоби асосии астрономӣ ба шумор мерафт.

Дар тараққиёти А. хизмати *Беруниӣ* (973—1048) калон аст. Ӯ беш аз 40 асари астрономӣ эҷод кардааст — «Қонуни Масъудӣ», «Китоб тахдиди ниҳоят-ил-амокин ли тасҳиҳи масофат-ил-масокин» («Геодезия»), «Китоб фӣ-таҳқиқи молӣ-л-Ҳинд» («Ҳиндустон»), «Осорул-боқия» ва г. Беруниӣ радиуси Заминро хеле саҳеҳ ҳисоб кард ва ҷанд асбобҳои нави астрономӣ сохт, ҳаракати зоҳирии ҷирмҳои осмонро ба хубӣ омӯхт. Умари *Хайём* (1040—1112) лоиҳаи тақвимеро пешниҳод кард, ки асосӣ онро даври 33 сола (аз он 8 солаш кабиса) ташкил медод. Агар тақвими Хайём дар 5000 сол ба як шабонарӯз саҳв роҳ диҳад, носаҳеҳии тақвими Григорӣ (тақвими ҳозираи мо) дар 3000 сол як шабонарӯзро ташкил медиҳад. *Насируддини Тӯсӣ* (1201—1274), ки дар расадхонаи Мароға мушоҳида мегузаронд, бо «Зичи Элхонӣ» ном асар дар Шарқу Ғарб машҳур шуд. Тараққиёти А. дар Шарқи а. 15 бо фаъолияти расадхонаи *Улуғбек* (1394—1449) зич алоқаманд аст. Асари асосии астрономҳои Самарқанд, ки бо номи «*Зичи Кӯрагонӣ*» ё «Зичи Улуғбек» машҳур аст ва с. 1648 дар Оксфорд ба забони англисӣ нашр гардида буд, аз баёни асосҳои назарияви астрономия ва зичи 1018 ситора иборат мебошад. Дар тартиб додани зичи мазкур хизмати астрономҳои машҳур *Қозизодаи Рӯмӣ* ва *Алоуддини Қушчӣ* калон аст.

Асри 16 дар А. ва умуман дар илми табиатшиносӣ кашфиёти революционӣ ба вуҷуд овард. Ин кашфиётҳо бо номи олими машҳури поляк Н. *Коперник* (1473—1543) алоқаманд аст. С. 1543 «Дар бораи гардишҳои сферахои осмонӣ» ном асари барчастаи ӯ нашр гардид. Дар ин асар Коперник системаи геоцентрии Птолемейро рад карда, системаи гелиоцентрии оламро пеш гузошт, ки мувофиқи он Офтоб маркази системаи сайёрагон аст. И. *Кеплер* (1571—1630) дар асоси мушоҳидаҳои бисьёрсолаи устоди худ Т. *Браге* (1546—1601) қонунҳои ҳаракати сайёрагонро кашф намуд. С-ҳои 1609—10 олими италиявӣ Г. *Галилей* (1564—1642) бо телескопе, ки худи ӯ сохта буд, мушоҳидаҳои астрономӣ гузаронда, системаи Коперникро бо далелҳои илмӣ таҳвият дод. Кашфиёти ба воситаи телескоп ба даст овардаи Галилей дар А. давраи нав — давраи астрономияи телескопиро оғоз кард. Пайваста бо тараққиёти астрономияи телескопӣ астрономияи назариявӣ низ инкишоф ёфт, ки кашфиёти И. Кеплер ва И. Ньютон (1643—1727) асосӣ онро ташкил доданд. Ньютон қонуни *ҷозибаи ҷаҳонӣро* кашф кард (1685) ва сабаби дар атрофи Офтоб давр задани сайёраҳоро муқаррар намуд. Х. Гюйгенс (1629—95) соати раққосакдорро ихтироъ кард, бо ёрии телескоп ҳалқаҳои Зуҳалро мушоҳида карда, радифи равшантарини онро кашф намуд. С. 1675 О. Рёмер аз рӯи мушоҳидаи гирифти радифҳои Муштарӣ бонтиҳо будани суръати рӯшноиро кашф намуд ва бузургии онро чен кард. Инкишофи минбаъдаи А. бо таъсиси расадхонаҳои Париж (1665), Гринвич (1675), Холмогор (1692), Москва (1701) алоқаманд аст.

Дар нимаи якумӣ а. 18 кашфиёти барчастаи астрономӣ рӯй дод. Астрономи англис Э. Галлей ҳаракати хусусии ситорагонро (1718), Ҷ. Брадлей аберрацияи рӯшноиро (1725—28) кашф карданд. Л. *Эйлер* назарияи ҳаракати Моҳро бунёд кард (1753—72); И. *Кант* дар «Таъриҳи умумии табиат ва механикаи осмонӣ» ном асари худ (1755) аввалин бор гоиз эволюцияи табиатро ба муҳокима гузошт, П. *Лаплас* ғояе пеш ниҳод (1796), ки мувофиқи он дар натиҷаи фушурдашавии туманоти газии даврзананда ҳалқаҳо ба вуҷуд омада ва аз онҳо сайёраҳо пайдо шудаанд. Фарзияҳои Канту Лаплас дар замони худ прогрессивӣ буданд. М. В. *Ломоносов* ошкор кард, ки Зӯҳра атмосфера дорад (1761). Ин пбтидои омӯзиши физикаи сайёраҳо буд. В. *Гершель* сайёраи Уранро кашф кард (1781) ва бо рефлектори диаметраш 122 см туманот ва кӯшаситораҳоро мушоҳида кард (1789). В. Я. *Струве* аввалин шуда параллакси ситораҳоро муайян намуд (1835—38) ва ошкор кард, ки рӯшной дар фазои байниситоравӣ фурӯ бурда мешавад (1847).

Зуҳури навбатии кометаеро пешгӯи кардани Э. Галлей (1799, ҳоло кометаи Галлей), аз рӯи ҳисоби пешакии астрономи франсавӣ У. Леверье сайёраи Нептунро кашф кардани И. Г. Галле (1846), радифҳои нонамоёни ситораи Шабоҳанг ва Широии Шомӣ (Процион)-ро дарёфтани Ф. Бессель бори дигар дурустии қонунҳои механикаи осмонӣ, инчунин материалӣ ва донисташаванда будани дунёи реалиро исбот кард. Нимаи аввали а. 19-истифода шудани фотография, фотометрия ва таҳлили спектрӣ дар А. пешомадҳои нав пайдо кард. Баъди он ки Г. Кирхгоф ва Р. Бунзен таҳлили спектриро ихтироъ карданд (1859), барои тадқиқи табиати физикӣ ва таркиби химиявии ситораҳо имконияти васеъ фароҳам омад. Спектроскопияи ситораҳо бо тадқиқоти олими италиявӣ А. Секки, олими англис У. Хеггинс, олими рус А. А. *Белопольский* оғоз ёфт. Нимаи дуюми а. 19 астрономи рус Ф. А. *Бредихин* назарияи шаклҳои кометаҳоро ба вуҷуд овард. Белопольский дар шароити лабораторӣ принципи Доплерро (ниг. *Эффекти Доплер*) санҷид. Барои омӯхтани аксар хусусиятҳои ситораҳо донистани масофаи онҳо муҳим аст. Аммо бо усули тригонометрии параллакс танҳо масофаи то 100 парсекро чен кардан имконпазир аст. Ибтидои а. 20 ситораҳо таснифи карда шуданд (мас., резаситора, ситораҳои азим, фавқулазим ва г.) ва вобастагии байни равшаноиву ҳарорати онҳо муайян гардид. Ин имкон дод, ки масофаи ситорагони дуртарин бо усули фотометрӣ муайян карда шавад. Олими советӣ А. А. Фридман ҳодисаи лағжиши сурхи галактикаҳои дурро пешгӯӣ кард (1922) ва олими америкӣ Э. Ҳаббл дурустии онро тасдиқ намуд (1929). Астрофизики советӣ В. А. *Амбарцумян* назарияи ассоциацияҳои ситорагиро ба вуҷуд овард. С-ҳои 30-юми а. 20 соҳаи нави А. — радиоастрономия шакл гирифт. С-ҳои 60-ум *квазарҳо* ва *пульсарҳо* кашф карда шуданд. Дар тадқиқи фазои кайҳон истифода шудани *аппаратҳои париш* имкон медиҳад, ки ояндаи наздик расадхонаҳои астрономӣ дур аз замин (мас., дар рӯи Моҳ) сохта шаванд.

Астроном ва астрофизикҳои советӣ анъанаҳои материалистӣ ва илмии беҳтарини олимони давраи гузаштаро давом дода, проблемаҳои мураккаби астрономияи замони ҳозираро бомуваффақият ҳал мекунанд. Аксарияти корҳои илмии соҳаи А. дар расадхона ва ин-тҳои тадқиқоти илмии астрономӣ гузаронда мешаванд. То Рев. Каб. Соф. Октябрь дар мамлакати мо ҳамагӣ якчанд расадхонаи астрономӣ мавҷуд буд, ки ҷиҳози хуб надошт. Дар

Иттифоқи Советӣ баъди Рев. Октябрь дар қатори диг. соҳаҳои илму маданият А. низ тараққӣ кард, расадхонаҳои дорои асбобу афзори мукаммал таъсис ёфтанд. Астрофизикҳои тоҷик мушоҳидаҳои асосии худро дар *Расадхонаи астрономии Ҳисор* мегузаронанд. Ин расадхона ба омӯзиши шиҳобҳо, кометаҳо, ситораҳои тағйирёбанда, А.-и ситорагон, мушоҳидаи радифҳои маснӯи Замин ва г. машғул аст. *П. Б. Бобоҷонов.*

АСТРОНОМИЯИ БЕРУНИГАЛАКТИКӢ, фасли астрономия, ки *галактикаҳо* ва дигар объектҳои кайҳонии берун аз Галактикаи моро меомӯзад. Соҳаҳои омӯзиши А. б. инҳоанд: 1) дар асоси мушоҳидаҳо омӯхтани табиати физикии галактикаҳо, 2) омӯзиши статистикии маҷмӯи галактикаҳои қисми мушоҳидашавандаи Коинот, 3) омӯзиши сохти умумӣ ва бо мурури замон тағйир ёфтани қисми мушоҳидашавандаи Коинот.

С-ҳои 20-уми а. 20, баъди он ки мавқеи берунигалактикии аксар туманоти гунбази осмон ба таври қатъӣ муайян гардид, А. б. ба соҳаи нави астрономия табдил ёфт. Маълум гардид, ки туманоти берунигалактикӣ ба монанди Галактикаи мо системаҳои азими осмонӣ будаанд. Галактикаҳо аз сабаби дар масофаҳои дур воқеъ будан ба назари заминиён чун доғҳои туманоти хеле хурд намудор мешаванд. Маҷмӯи ҳамаи галактикаҳоро *метагалактика* меноманд.

Нур ва радиомавҷҳое, ки аз объектҳои берунигалактикӣ то Замин меоянд, барои омӯхтани табиати онҳо воситаи асосианд. Барои ин телескопҳои оптикӣ ва радиотелескопҳоро истифода мебаранд. Инкишофи тадқиқоти кайҳонӣ сабти афканишоти рентгенӣ ва ҳатто ядроии (гамма-шуоъафканӣ, афканишоти нейтринои) объектҳои берунигалактикиро имконпазир мегардонад. Дар А. б. усулҳое пайдо шуданд, ки дар асоси онҳо аз рӯи шуоъафкании объектҳо тавсифи хосаи онҳо, хусусиятҳои алоҳида, процессҳои дар онҳо рӯйдиҳанда ва масофаи онҳоро муайян кардан мумкин аст.

Дар тӯли чандин солҳо объекти ягонаи омӯзиши А. б. галактикаҳо буданд. Дар с-ҳои 60-ум объектҳои нави берунигалактикӣ — *квазарҳо* (манбаъҳои квазиситорагии радиоафканишот) кашф гардиданд. Ҳаҷми онҳо аз галактикаҳои мукаррарӣ миллиардҳо маротиба хурд буда, вале иктидори радиоафканиши онҳо аз иктидори калонтарин радиогалактика чандин карат зиёд мебошад. Кашфи квазарҳо муваффақияти барчастаи радиоастрономияи берунигалактикӣ гардид.

Кашфиёти дигари А. б. — дар Коинот вуҷуд доштани шуоъафканиши заминавии микромавҷӣ низ шоёни диққат аст. Ин шуоъафканиши заминавиро зухуроти боқимонда, яъне процесси шуоъафкании марҳалаи «сардшудаи» зинаи аввали («тафсони») инкишофи қисми мушоҳидашавандаи Коинот меҳисобанд ва онро шуоъафкании реликтӣ (яъне боқимонда) меноманд.

С-ҳои 30-юм бо ёрии мушоҳидаҳои оптикӣ ҳодисаи вогурези (аз якдигар дур шудани) умумии галактикаҳо кашф шуд, ки ин боиси ба миён омадани мафҳуми нав — Коиноти васеъшаванда гардид. Маълумоти мушоҳидаҳои оптикӣ ва радиоастрономӣ собит карданд, ки қисми бузурги мушоҳидашавандаи Коинот, ки радиусаш якчанд млрд *парсек* аст ва миқдори зиёди галактикаҳо, квазарҳо ва нурҳои парокандаро дарбар мегирад, дар натиҷаи таркиши ибтидоии объекти бағоят зичу тафсон ба вуҷуд омадааст. Ин гуна манзараи инкишофи қисми мушоҳидашавандаи Коинот модели Коиноти тафсон ном гирифт. Асрори пайдоиши ситораҳо ва галактикаҳо дар Коиноти васеъшаванда то ҳол пурра ошкор нашудааст.

Муқаррар гардидани манзараи умумии қисми мушоҳидашавандаи Коинот ва андозаҳои он, муайян шудани характеристикаҳои миёнаи объектҳои кайҳонӣ (галактикаҳову квазарҳо) ва тақсимоти онҳо дар фазо, омӯзиши бисьёр ҷиҳатҳои процессҳои динамикие, ки дар галактикаҳо сурат мегиранд — аз муваффақиятҳои А. б.-и ним асри охир.

Дар Тоҷикистон тадқиқоти оид ба А. б. асосан ба омӯзиши назариявии динамикаву структураи галактикаҳо ва ҳалли проблемаҳои космология алоқаманданд. Дар *Расадхонаи астрономии Ҳисор* бо ёрии астрографи фарохзовия дар галактикаҳои дигар ситораҳои фавқунавро ҷустуҷӯ мекунанд.

Ад.: Агекян Т. А., Звёзды, галактики, метагалактики, М., 1970, Воронцов-Вельяминов Б. А., Внегалактическая астрономия, М., 1972

М. Н. Маҳсумов.

АСТРОНОМИЯИ МЕТЕОРӢ, фасли астрономия, ки таркиб, пайдоиш ва эволюцияи *моддаи метеориро* дар фазои байнисайёравӣ меомӯзад. Тадқиқи таркиб ва ҳаракати моддаҳои метеорӣ бо роҳи мушоҳидаҳои оптикӣ ва радиолокатсионии метеорҳо, мушоҳидаи рӯшноии Зодиакӣ, ба қайд гирифтани зарбатҳои ҷисмҳои метеорӣ бо ёрии датчикҳои радифҳои маснӯи Замин ва зондҳои кайҳонӣ, омӯзиши ҳаракати селе метеорҳо бо методҳои механикаи осмонӣ сурат мегирад. Соҳаҳои гуногуни А. м. дар СССР (Москва, Душанбе, Киев, Одесса, Харьков, Казон), дар ШМА (расадхонаҳои Гарвард ва Смитсон), РССЧ, Британияи Кабир, Австралия омӯхта мешаванд.

АСТРОСПЕКТРОГРАФ, асбоби хоси спектриест барои гирифтани суратҳои спектрҳои чирмҳои осмонӣ. А. дар конуси (фокуси) телескоп тавре гузошта мешавад, ки тасвири ҳақиқии ситора, сайёра, туманот ва г. ба равзанаи он афтад. Барои ҳосил кардани спектри чирми хира фосилаи экспозицияро зиёд (даҳҳо дақиқа, чанд соат) мекунанд, ки дар зарфи он чирм нисбат ба уфуқ мавқеи худро тағйир диҳад (дар ин маврид мавқеи телескоп низ мутаносибан тағйир меёбад). Дисперсия дар А.-ҳои ситорагӣ одатан аз 100 то 10 Å/мм аст ва бо хусусиятҳои конструктивии А.-ҳои ба телескоп насбшаванда маҳдуд мешавад. Дисперсияи калон дар конуси Куде (*фокуси Куде*)-и стационарӣ (то 1 Å/мм ҳангоми бо рефлектори 3—5 метра мушоҳида кардани ситораҳои дурахшон) ба вуҷуд оварда мешавад. Барои объектҳои кампур дисперсияи аз 500 то 2000 Å/мм ва баъзан то 10 000 Å/мм-ро истифода мекунанд.

АСТРОСПЕКТРОСКОПИЯ (аз *астро...* ва лот. spectrum — зоҳирӣ, skopeo — менигарам), соҳаи астрофизика, ки спектри чисмҳои кайҳониро бо мақсади дарк кардани табиати физикии Офтоб, ситораву сайёраҳо, туманот, ташкила, моддаҳои байниситоравӣ ва инчунин ҳаракати онҳоро дар фазо меомӯзад. А. бештар ҳаракати чирмҳо ё қисмати онҳоро дар асоси чен кардани лагзиши хатҳои спектрӣ, ки бинобар мавҷудияти *эффекти Доплер* мушоҳида мешавад, мавриди муҳокима қарор медиҳад. Таҳлили хатҳои спектрии чисмҳои кайҳонӣ имкон медиҳад, ки дар бораи ҳодисаҳои гуногуни физикии дар онҳо рӯйдода, ҳолатҳои ионизационии элементҳои химиявӣ дар атмосфераи ситораҳо, дар бораи таркиби химиявӣ ва ҳарорати атмосфераи онҳо, дар бораи фишори (мас., фишори электронии) онҳо ва г. маълумоти пурқимат ба даст оварда шавад. Истифодаи А. муайян кардани таркиби химиявии (аз ҷумла, таркиби изотопии) атмосфераи сайёраҳоро имконпазир мегардонад. Таҳлили миқдорҳои фурӯбарии молекулярӣ имкон медиҳад, ки ҳарорат ва фишори атмосфераи сайёраҳо ба қадри кофӣ аниқ муайян карда шавад.

АСТРОФИЗИКА, фасли астрономия, ки ҳодисаҳои физикӣ ва инчунин процессҳои химиявии чисмҳои осмониро меомӯзад. А. аз қисмҳои назариявӣ ва амалӣ иборат аст. А.-и амалӣ бо бунёди усулҳои тадқиқи чисмҳои осмониву муҳити байниситорагӣ ва сохтани асбобу афзори мушоҳида сару кор дорад. А.-и назариявӣ ба методҳои физикаи назариявӣ такя карда, маълумоти бадастовардаи А.-и мушоҳидавиро ҷамъбаст мекунад. А.-ро вобаста ба объекти тадқиқот ба физикаи Офтоб, физикаи ситораҳо, физикаи кометаҳову метеорҳо, физикаи объектҳои берунигалактикӣ ва г. ҷудо меку-

нанд. Вобаста ба усулҳои хоссаи тадқиқот А.-и амалӣ ба астрофотография, астрофотометрия, *астроспектроскопия* ва *радиоастрономия* ҷудо мешавад.

Астрофотография ба гирифтани сурати объектҳои осмонӣ, астрофотометрия ба омӯзишу чен кардани дурахши чирмҳои осмонӣ (визуалӣ, фотографӣ ва фотоэлектрикӣ), астроспектроскопия ба омӯзиши спектри ҷисмҳои осмонӣ ва аз рӯи он муайян кардани ҳаракат, гардиш, таркиби химиявӣ ва ҳарорати онҳо, радиоастрономия ба омӯзиши радиоафканишоти ситораҳову фазои байниситорагӣ (бо ёрии радиотелескопҳо) ва тадқиқи сатҳи ҷисмҳои осмонии паздиктарин (бо ёрии радиолокаторҳо) машғуланд. А.-и назариявӣ назарияи сохти дохилии ситораҳо, физикаи атмосфераи ситораҳо, туманоти газӣ ва фазои байниситорагӣ, назарияи эволюцияи ҷисмҳои осмонӣ ва умуман пайдоиши элементҳои химиявиро дарбар мегирад. Фасли навтарини А.-и назариявӣ А.-и ядрӣ мебошад, ки вазифаҳои асосии он аз омӯзиши манбаъҳои сохти дохилии ситораҳо бо усулҳои физикаи назариявӣ, шарҳи *лагзиши сурх* дар спектри объектҳои дуртарини кайҳонӣ, баланси энергетикии ситораҳову *квазарҳо* (манбаъҳои нуриқтидори радиоафканишот), структураи спектрии нурҳои кайҳонӣ, инкишофи назарияи эволюция ва ташаккули ҷирмҳои осмонӣ иборат аст.

Астрономҳои а-ҳои 10—15-и Шарқ асосан дар соҳаи *астрометрия* тадқиқот мебурданд, аммо дар мушоҳидаҳои баъзеи онҳо элементҳои астрофизика низ вучуд дошт. Мас., Ибни Рушд (1126—98) доғҳои Офтобро омӯхтааст, Алои Бухорӣ 23 июли 1264 дар расадхонаи Марога кометаеро мушоҳида кард, ки дар осмони Осиёи Марказӣ 85 рӯз намоён буд.

Доираи тадқиқоти А. баъд аз ихтироъ телескоп (Г. Галилей, 1609) ва такмили *асбобу афзори астрономӣ* васеъ гардид. Галилей тағьирёбии фазаҳои Зӯҳра (1611), М. В. Ломоносов атмосфераи Зӯҳра (1761) ва И. Фраунгофер спектри Офтобро (1814) кашф карданд.

Аввали а. 19 телескоп бо спектрограф чиҳозонида шуд. Ин сабти спектри ситорагон ва диг. ҷисмҳои осмонро имконпазир гардонд. Тадқиқоти А. А. Белопольский (Россия) Г. Фогель (Германия), У. Кэмпбелл ва Э. Пикеринг (ШМА) ва диг. доир ба таснифи спектри ҷирмҳои осмонӣ боиси тараққиёти ҳама соҳаҳои А. гардид. Ибтидои а. 20 бо кӯшиши М. Саҳа (Ҳиндустон) назарияи ионизацияи атмосфераи ситораҳо, бо кӯшиши К. Шварцшильд (Германия) ва А. Эддингтон (Англия) асоси назариявии А. ба вучуд омад. Тадқиқоти Э. Ҳаббл, В. Бааде (ШМА), В. А. Амбарцумян (Расадхонаи астрофизикии Бюракани АФ РСС Арм.), Б. А. Воронцов-Вельяминов (Ин-ти астрономии ба номи П. К. Штернберг, ш. Москва) ва диг. пайдоиш, тағьирот ва гуногуншаклии галактикаҳову туманотро то дарачае равшан намуданд.

А.-и муосир пайваста бо тадқиқоти фазои кайҳон тараққӣ мекунад. Парвози радиҳои маснӯъ, силсилаи киштиҳои кайҳонии «Восток», «Восход», «Союз», истифодаи «Венера» ва диг. аппаратҳои париши кайҳонӣ дар тадқиқи табиати физикии Моҳу сайёрагон, минтақаҳои радиационии Замин, шуоъҳои кайҳониву плазмаи байнисайёравӣ роли калон бозид. Ба воситаи станцияҳои автоматии байнисайёравии советии «Зонд» ва «Луна», аппарати америкоии «Сервейер» ва киштиҳои пилотдори «Аполлон» дар бораи сохт, таркиб ва хосиятҳои физикии Моҳ маълумоти нурра ба даст оварда шуд. Буньёд гардидани станцияҳои мадории «Салют» (СССР), «Скайлеб» (ШМА) ва системаи киштиҳои кайҳонии «Союз-Аполлон» барои мушоҳида ва омӯхтани таркиби ҷирмҳои осмонӣ, пеш аз ҳама, сайёраҳои системаи Офтоб имкониятҳои бузург фароҳам овард.

Дар расадхонаҳои Серпухову Тыравере, Қриму Пулково, Бюракану Абастуман, Тошкенту Киев, Шамохаву Ҳисор ва г. соҳаҳои гуногуни А. тадқиқ мешавад.

Астрономҳои Тоҷикистон ба инкишофи А.-и муосир, махсусан дар соҳаи тадқиқи кометаҳову метеорҳо ва ситораҳои тағьирёбанда ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Чунончи, А. В. Соловьев (1952) дар бурчи Ақраб ва В. Сотиволдиев (1962) дар бурчи Дубби Асгар ситораҳои нав, А. М. Бахарев (1955) кометаи нав кашф карданд. Тадқиқоти астрофизикҳои Тоҷикистон ба омӯзиши кометаҳову метеорҳо, спектри ҷирмҳои осмонӣ, таъсири сели корпускулии Офтоб ба кометаҳо, мушоҳидаи ситораҳои тағьирьёбанда, циркуляцияи атмосфераи Замин ва м. ин. равона шудааст.

К. Саидов.

АСТУ́РИЯ (Asturias), вилояти таъриҳӣ дар шим. Испания. Масоҳ. 10,6 ҳаз. км². Аҳол. 1024,6 ҳаз. наф. (1968), ш. асосиаш — Овьедо. Аз а. 19 яке аз ноҳияҳои асосии саноатии мамлакат. Сарватҳои зериэаминӣ: ангиштсанг, оҳан, мис, симоб, вольфрам. Саноати химия, киштисозӣ, яроқсозӣ, цемент, шиша, озуқа, чӯб мавҷуданд. Ноҳияи асосии чорводорӣ ва мева. Дар муборизаи ба муқобили фашистони Испания саҳми коргарони А. калон аст. Онҳо с. 1934 ба муқобили фашистон шӯриши яроқнок бардоштанд, июли 1936 — окт. 1937 вилояти А.-ро аз ҳуҷуми қӯшунҳои фашистӣ муҳофизат карданд, с-ҳои 1962—63 маркази корпартой буд.

АСУНСЬО́Н (Asuncion), шаҳр, пойтахти Парагвай, дар соҳили чапи д. Парагвай, дар ҷои ба он як шудани д. Пилькомайо. Аҳол. тақрибан 500 ҳаз. наф. (1976). А. бандари асосии дарьёӣ, маркази саноат ва тиҷорати мамлакат. Ст. р. о. Корхонаҳои коркарди маҳсулоти ҷангал ва х. қ. (хӯрокворӣ, бофандагӣ, чарм ва г.), таъмири киштӣ; VII-ти миллӣ (1889), музейҳо дорад. А.-ро 15 авг. 1537 конкистадорони испанӣ буньёд кардаанд ва то а. 17 дар музофоти Ла-Плата шаҳри асосӣ буд.

Асунсьон. Намуди умумӣ.

АСФА́ЛЬТ (юн. asphaltos — ҚИРИ КӮҲӢ), масолеҳи бинокорӣ. Табиӣ ва сунъӣ мешавад. А.-и табиӣ аз нефть дар натичаи бухор шудани фраксияҳои сабук ва оксид шудани он пайдо мегардад. А.-и табиӣ дар ноҳияҳое васеъ паҳн шудааст, ки

ҷинсҳои нефтьдор (регсанг, оҳаксанг, доломитҳо ва ғ.) чандон чуқур нахобидаанд ё ба рӯи Замин баромадааанд. А.-и сунъиро дар натиҷаи омехтани битуму моддаҳои минералӣ (асосан оҳаксанг) ҳосил мекунанд. А. дар роҳсозӣ, сохтмон (ҳамчун материали гидро-ва электроизоляционӣ) барои тайёр кардани тол, клей, локҳои асфальтӣ ва ғ. истифода мешавад.

АСҲОБИ АДАД, ниг. *Пифагореизм.*

АСҲОБИ КАҲФ (ар. اصحاب کهف — ёрони ғор), бинобар ривоятҳои динӣ ҳафт нафар ёре будаанд, ки дар ҷустуҷӯи ҳақ (худо) аз таъқиби Дақиёнус ном шоҳи золим дар ғоре пинҳон шуда, дар он ҷо ба хоби абадӣ рафтаанд. Ҳамроҳи онҳо саге ҳам будааст (саги А. к.), ки гӯё рӯзи қиёмат ба сурати инсон бармехестааст. А. к. ва саги А. к. аз ҷумлаи образҳои адабиёти форс-тоҷик аст. Дар ин байт Саъдӣ ба ҳамин ривоят ишора кардааст:

Саги Асҳоби каҳф рӯзе чанд
Паи некон гирифту мардум шуд.

С. Давронов.

АСҲОБИ КУМУ́Н, ниг. *Гомеомерия.*

АСҲОБИ РАЪЙ (ар. اصحاب — соҳибон رای — фикр, андеша, ақида), пайравони имом Абӯҳанифа (ниг. *Ҳанифия*), ки дар ҳалли масъалаҳои фиқҳи мусулмонӣ ғайри тақлид ба Қуръон ва суннати пайғамбар услуби фикру андешаю *қиёсро* низ ба кор мебурданд. Аз ин ваҷҳ онҳо бо номи асҳоби қиёс ҳам машҳуранд. Андешаҳои А. р. аз *асҳоби ҳадис* зоҳиран фарқ кунанд ҳам, дар асл онҳо манфиати синфҳои ҳукмронро ифода менамуданд. *Н. Рустамов.*

АСҲОБИ ҲАДИС (ар. اصحاب — соҳибон حدیث — чизи нав, ривоят), пайравони услуби тақлиди бечунучаро ба *Қуръон* ва *суннати* пайғамбар дар ҳалли масъалаҳои *фиқҳу* ахлоқи исломӣ. А. ҳ. мухолифи *асҳоби раъй* буда, тариқи фикру андеша ва қиёсро дар ҳалли масъалаҳои баҳснок намеписандаанд ва аз ин рӯ ба таассуб майл мекарданд. Муаррихони дину фалсафаю фиқҳ А. ҳ.-ро аз мазҳабҳои *малики, шофеия* ва *ҳанбалия* иборат медонанд. *Н. Рустамов.*

АСҲАДӢ سعدی Абӯназар Абдулазиз ибни Мансури Марвазӣ (с. тав. номаълум — вафт. 1041), шоири форсӣ-тоҷик. Чун Унсурию Фаррухӣ бештар қасидаи мадҳӣ сурудааст. Аз мероси адабии А. девоне дар ҳаҷми 3000 байт боқӣ мондааст, ки қисми бештари ашъори онро қасидаҳои мадҳӣ ташкил медиҳанд. Шоир дар мадҳияҳояш ба шакли бадеӣ, ба санъатҳои шеърӣ бештар аҳамият медодааст. Хусусан санъати мукаррарро бештар ба кор бурдааст. Қасидаи «Сумано»-и А., ки дар васфи лашкаркашиҳои Султон Маҳмуд ба Ҳиндустон суруда шудааст, мавриди пайравии шоирони асрҳои баъдина қарор гирифтааст. Дар девони шоир ғазалу қитъа ва рубоиҳое низ ҳастанд, ки бисьёр соддаю равон буда, аз маҳорати шоирии А. дарак медиҳанд. Ин рубоии А. аз ҷиҳати соддагию равонӣ ашъори халқиро ба хотир меоварад:

Субҳ асту сабо мушкфишон мегузарад,
Дарьёб, ки аз кӯи фалон мегузарад.
Бархез, чӣ хуспӣ, ки ҷаҳон мегузарад,
Бӯе биситон, ки корвон мегузарад.

Ад.: Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960; Гулшани адаб., Д., ҷ. I, 1975.

А. Абдуллоев.

АТАБА́СКА (Athabaska), кӯл дар ғарби Канада, дар болооби системаи д. Макензи. Масоҳ. 7,9 ҳаз. км². Чуқуриаш то 60 м. Охири окт. ях баста, июль об мешавад. Ба А. д. Атабаска рехта, аз он д. Ғуломон ҷорӣ мешавад. Моҳӣ медоранд. Дар ноҳияи А. конҳои тилло, уран мавҷуданд.

АТАВИ́ЗМ (лот. atavus — аҷдоди дур), дар организмҳо пайдо шудани аломатҳои аҷдоди дур. *Ч. Дарвин* ҳодисаи А.-ро чун яке аз далелҳои таҳаввули организмҳо исбот кардааст. Ин ҳодиса барои организми нав аломати ғайримуқаррарӣ бошад ҳам, барои аҷдоди қадимааш чун аломати нормалӣ хизмат кардааст ва аз ҳамин ҷиҳат он аҷдоди наслро маълум карда медиҳад. Мас., таваллуд шудани кӯдаки думчадор ва мӯйдор аз олами ҳайвонот пайдо шудани одамро исбот мекунад. Одатан одам як ҷуфт пистон дорад, баъзан кӯдакӣ якчанд ҷуфт пистондор ҳам таваллуд мешавад, ки ин якчанд ҷуфт пистон доштани аҷдоди ӯро нишон медиҳад. Дар ақоқиё (акация)-и австралӣ ба ҷои филлодий сабзидани барги мураккаби паршакл ҳам яке аз мисолҳои А. дар олами растанист.

АТАКА́МА (Atacama), биёбон дар Америкаи Ҷанубӣ, дар шим. Чили. Қад-кади соҳили уқ. Ором (байни 22°—27° а. ҷ.) тақрибан 1000 км тӯл кашидааст. Баландиаш аз с. б. то 3200 м (к-ҳои Кордильераҳои Соҳилӣ). Иқлимаш тропикии пассатӣ. Дар қисми соҳилиаш ҳарор. миёнаи янв. қариб 20° С, июль тақрибан 13° С. Боришоти миёнаи солона 50 мм, бориш ҳар сол намешавад. Биёбонро д. Лоа бурида гузашта, ба уқьёнус мерезад. Набототаш хеле кам, заминаш шӯрхок. Дар А. конҳои селитраи натрий ва калий, йод, намаки ош ва захираҳои калонтарини мис (дар Чукикамата, Эль-Сальвадор ва ғ.) ёфт шудаанд.

АТАКСИ́Я (аз *а*... ва юн. táxis — сомон, тартиб), ихтилоли созгории ҳаракат ва ба ҳамдигар мутобиқ набудани амалиёти мушакҳо. А. дар натиҷаи касолати қисмҳои мухталифи системаи марказии асаб (магзи сар ё ҳароммагз) ва ё сабаби дардмандии асабҳои ноҳиявӣ рӯй медиҳад. А. ду хел мешавад: статикӣ (носозии мувозанат дар вазъи рост истодан) ва динамикӣ (носозгории ҳаракатҳо). Дар вақти А. ҳаракати бадан носареҳ ва беробита мегардад. Мутобиқан ба он ҷузъи дастгоҳи созгории таҳрика, ки аз кор баромадааст, се хел А.-ро фарқ мекунанд: сенситивӣ (таҳсисӣ), майначавӣ ва лабиринтӣ. А.-и сенситивӣ хусусан ба вайрон шудани қобилияти ҳисси амиқи бадан вобаста буда, нишонаи хоси он нодурустии роҳравӣ мебошад: бемор пойҳояшро васеъ гузошта, калон-калон қадам мегузорад ва бо зӯрӣ ба замин пой мениҳад, дар ин ҳол ӯ одатан ба пои худ менигарад. Дар вақти А.-и майначавӣ андозаи ҳаракати зарурӣ вайрон шуда, аз эҳтидол мебарояд (гиперметрия), ҳаракатҳои тези пайдарпай (мас., тез-тез чаппаву роста кардани кафи даст) номумкин мегардад. Бемор пойҳояшро васеъ гузошта, калавидакалавида роҳ мегардад («роҳравии мастона»), агар пойҳояш ҷафс бошад, осонтар рост меистад, аъзои бадан кашиш хӯрда меларзад, чашмҳояш беихтиёр ва мунтазам парида меистанд, нутқаш вайрон шуда, суст ва канда-канда гап мезанад. Ба А.-и лабиринтӣ сарчархӣ, номуратабии мувозанати бадан ҳангоми роҳ гаштан ва ғ. хос аст.

Муолиҷа: бартараф намудани беморие асосе, ки боиси А. гардидааст; варзиши шифоӣ.

АТЕЙЗМ (аз *а*... ва юн. theos — худо; айпан — бехудой), системаи ҷаҳонбинии материалистӣ, ки ба ҳар гуна дин ва қуввоҳои фавқуттабиа (худо, шайтон ва ғ.) эҳтиқод доштанро рад менамояд. А.-и илмӣ эҳтиқодро ба худо инкор намуда, дар ин асос мустақилияти ҳастии инсонро тасдиқ мекунад. А. танқиди фалсафӣ, табиӣ-илмӣ ва таърихии динро дарбар гирифта, «исботи» динии ҳастии худоро бо далелҳои боэҳтимод рад менамояд. А. тасвири илмии оламро медиҳад, сабабҳои пайдоиш ва мавҷудияти эҳтиқоди динро мефаҳмонад, роли иҷтимоии динро нишон дода, роҳҳои бартараф намудани онро муайян мекунад.

А. як қатор даврахои инкишофи таърихиро тай кардааст, ки ҳар кадоми онҳо хусусияту фарқияти муайяне доранд. Аввалин мулоҳизаҳои танқиди дин дар осори адабии Бобулистон ва Миср Қадим — «Гуфтугӯи хоҷа бо ғулом» (зиёда аз 3,5 ҳаз. сол пеш), «Суруди уднавоз» ва «Сӯҳбати маъюс бо рӯҳи худ» (асрҳои 20—17 то м.) дида мешаванд. Файласуфони мактаби *локаятаи* Ҳиндустони Қадим мавҷудияти худоро ҳамчун нахустсабаб, офаридгори олам инкор карда, ба абадияти рӯҳ ва мавҷудияти уқбо шубҳа доштанд. Дар Хитой идеяҳое, ки мавҷудияти худоро рад ва материалӣ будани оламро ҳимоя менамуданд, дар асрҳои 8—2 то м. паҳн шуда буданд. Озодфикрию А. дар Юнону Рими Қадим бештар инкишоф ёфта буд. На-

моянданои мактаби милетӣ (Фалес, Анаксимандр, Анаксимен) кӯшидаанд, ки ақидаи нахустасосии моддии (материалии) оламро исбот кунанд. Қуллаи тараққиёти А.-и Юнони Қадим таълимоти материалистони бузург *Демокрит* ва *Эпикур* буд. Демокрит бо назарияи сохти атомии материя, детерминизми моддии худ А.-и Юнони Қадимро ба зинаи баланд бардошт. Эпикур дар бораи абадият ва беинтиҳоии олам изҳори ақида намуда, дар таълимоти ояд ба ахлоқ, кӯшидааст, ки одамонро аз тарси худоҳо ва тарси марг наҷот диҳад. Энциклопедияи А.-и антиқа асари файласуфи бузурги Рим *Лукреций* Кар «Дар бораи табиати ашёҳо» буд.

Дар асрҳои миёна дар шароити нуфузи калисову дин, вақте ки «дар дасти попҳо сиёсат ва ҳуқуқшиносӣ, ба мисли дигар илмҳо, соҳаи муқаррарии илоҳиёт шуда монда буданд...» (К. Маркс и Ф. Энгельс, Соч., т. 7, с. 360), вақте ки баромадҳои бевоситаи революционӣ, шӯришҳо шаклии динӣ мегирифтанд, муборизаи рӯирости атеистӣ берун аз имкон буд. Барои ин давра шаклу усулҳои муборизаи зиддидинии пиҳоят пардапӯш ва позук хос аст. Шароити замонро ба назар гирифта, мутафаккирони асрҳои миёна Пьер *Абеляр*, *Ибни Рушд* ва диг. мавҷудияти худоро рад накарда, дар қатори ҳақиқати динӣ ҳақиқати илмиро эътироф менамуданд. Онҳо хиради инсонро ситоиш карда, исрор менамуданд, ки ба ҳама чиз шак бояд дошт. Ин талаб пояи таълимоти диниро, ки эътиқоди кӯр-кӯронаро тарғиб мекунад, хароб мекард.

Афкори ҷамъиятию фалсафии асримиёнагии халқҳои Шарқ ҳам дорои намунаҳои барҷастаи зиддиклерикалӣ (ниг. *Клерикализм*) ва озодфикрии зиддидинӣ мебошад. Форобӣ, Беруниӣ, Хайём, Закариёи Розӣ, Насируддини Тӯсӣ, Мирзо Бедил, Киндӣ, Абулъалои Маарриӣ, Ибни Туфайл дар асарҳо ва хулосаҳои илмии худ таълимоти диниро танқид ва маърифатро тарғиб менамуданд. Ибни Сино, Хайём, Убайди Зоконӣ ва дигарон ба мавҷудияти биҳишту дӯзах, охират шубҳа карда, таълимоти диниро дар бораи тақдиру сарнавишт ҳадафи танқид намуда, зарурати ичрои баъзе маросиму амрҳои динӣ (рӯза, ҳаҷ ва г.)-ро инкор мекарданд. Мутафаккирони форс-тоҷик бар зидди мунофиқӣ, тамаъкорӣ, таассуби рӯҳонӣён ва зӯҳд баромада, адолат, накӯкорӣ, инсондӯстиро тарғиб менамуданд. Беҳтарин анъанаҳои пешқадами гузаштаро маорифпарвари халқи тоҷик Аҳмади Дониш давом дод. Вай душмани идеяи бологузории мусулмонон аз мӯътақидони динҳои дигар, бо сабабҳои динӣ таъқибкунии одамон, душмани таассуби динӣ ва фаъолияти иртиҷоии рӯҳониён буд. Дониш ба омӯхтани маданияти пешқадами рус, асосҳои илм даъват мекард, барои паҳнишавии маърифат муборизо мебурд.

Пайдоиши тарзи истеҳсолоти капиталистӣ, муваффақиятҳои илму техника зарурати қатъии аз байн бурдани ҳукмронии маънавии калисоро ба миён оварданд. Дар ичрои ин вазифа баромадҳои зиддиклерикалии инсонпарварони давраи *Эҳьё* П. Помпонаци, Эразми Роттердамӣ ва г. ҳиссаи босазое гузоштанд. Дар фошкунии тасвири динии сохти олам назарияи гелиопентрии Н. Коперник, асарҳои Ҷ. Бруно, Г. Галилей ва диг. аҳамияти бағоят калон доштанд. Дар *пантеизми* Б. Спиноза, *деизми* Ф. Бэкону Т. Гоббс идеяи худои сегонаи масеҳият ва офаринишии олам ба зери танқид гирифта шудааст. Публицистикаи хушбаён ва боҷӯшу хурӯши ба дини ҳукмрон бо зарофат ва кушоду равшан ҳуҷумкунандаи (В. И. Ленин, Асарҳо, ҷ. 33, саҳ. 234), материалистони а. 18 франсавӣ. Д. Дидро, К. А. Гельвеций, Ж. О. Ламетри, П. А. Гольбах нуқтаи олии инкишофи А.-и буржуазӣ буд. Материалистони франсавӣ роли иртиҷоии диниро фош намуда, назарияе инкишоф доданд, ки дин аз тарс ва надонистани қувваҳои табиат пайдо шудааст. Онҳо даъвои рӯҳониёнро дар бораи он, ки бе дин мавҷудияти ахлоқ ва ҷамъият умуман ғайриимкон аст, рад менамуданд. Намояндаи барҷастаи А.-и буржуазӣ Л. Фейербах буд. Вай орзу дошт, ки одамонро «аз диндорон ба мутафаккирон, аз обидон — ба кормандон, аз номзадҳои он дунёё — ба муҳаққиқони ин дунёё» (Л. Фейербах, Изб. фил. произв., т. 2, М., 1955, стр. 810) табдил диҳад. Афзалияти А.-и Л. Фейербах ҳам аз пешгузаштагонаш, ки бо инкори хушку холии дин маҳдуд мешуданд, маҳз дар ҳамин аст. Дигар хизмати бузурги ӯ аз он иборат аст, ки алоқаи байни идеализми фалсафӣ ва диниро нишон додааст. Баробари муҳокимаҳои дуруст ояд ба решаҳои гносеологии дин Л. Фейербах ба кушодани решаҳои ичтимоии он низ кӯшидааст. Вале А.-и Фейербах ҳам хусусияти маҳдуди маорифпарварӣ дошт ва принципи антропологӣ ба ҳаматарафа кушодани моҳияти иртиҷоии дин дар ҷамъияти антагонисти имконият надод. Л. Фейербах кӯшиш мекард, ки ба ҷои динҳои мавҷуда дини нав — «дини беҳудо», «дини муҳаббат»-ро ҷорӣ намояд.

Дар танқиди дин демократҳои революционии рус В. Г. Белинскиӣ, А. И. Герцен, Н. Г. Чернышевский, Н. А. Добролюбов, Д. И. Писарев ба А.-и марксистӣ бештар наздик шудаанд. Онҳо алоқаи зичи давлат ва калисоро, ки «ҳама вақт пуштибони тозиёнаву лаганбардори истибдод буд» (В. Г. Белинский, Соч. т. 10, М., 1956, с. 214) нишон дода, танқиди диниро бо вазифаҳои муборизаи зиддикреностной алоқаманд намуда, барои фаҳмидани решаҳои ичтимоии дин кӯшидаанд. Классикони марксизм ба хизмати таърихии А.-и пештара баҳои баланд дода, дар айни ҳол камбудиҳои онро низ нишон додаанд, ки муҳимтарини онҳо аз надонистани қонунҳои объективии инкишофи ҷамъият, кушода натавонистани решаҳои ичтимоии дин ва нишон дода натавонистани роҳҳои бартараф намудани он иборатанд. Ин камбудиҳоро А.-и марксистӣ — шакли сифатан нав ва олии А. бартараф намуд. «Фақат материализми философии Маркс ба пролетариат аз гуломии маънавие, ки то имрӯз ҳамаи синфҳои мазлум ба ин гуломӣ гирифтор буданд, роҳи халосӣ нишон дод» (В. И. Ленин, Асарҳо, ҷ. 19, саҳ. 8). Асоси ичтимоии А.-и илмиро синфи коргар ва буньёди назариявии онро фалсафаи марксистӣ ташкил медиҳад. А.-и марксистӣ барҳамдиҳии диниро бо муборизаи синфии пролетариат, бо навсозии революционии ҷамъият алоқаманд менамояд. К. Маркс принципҳои А.-и илмиро аввалин бор дар асари худ «Ояд ба танқиди фалсафаи ҳуқуқи Гегель. Муқаддима» (1844) баён намудааст. К. Маркс аз нуқтаи назари материалистона фаҳмидани таърих нишон медиҳад, ки дин инсонро не, балки баръакс, инсон диниро офаридааст ва дин афъюни халқ, инъикоси ғалати муносибатҳои нодурусти ҷамъиятӣ аст. Бинобар ин, «муборизаи зидди дин ба таври ғайримустақим муборизаи зидди ҳамон дунёёст, ки дин ҳаловати маънавии он мебошад» (К. Маркс и Ф. Энгельс, Соч., т. 1, с. 414—415). Хизмати бузурги К. Маркс ва Ф. Энгельс дар он аст, ки онҳо асосҳои илмии муносибати партияи пролетариро ба дин, программаи амалиёти синфи коргарро дар бораи нурра барҳам додани он тадқиқ намуданд ва ҳама гуна таҳрифи оппортунистии ин масъалаҳоро ба зери танқид гирифтанд. В. И. Ленин А.-и марксистиро дар шароити нави таърихӣ аз ҷиҳати фалсафӣ асосноқ кард ва инкишоф дод. Дар асару мақолаҳои вай «Социализм ва дин», «Дар бораи аҳамияти материализми ҷанговар», «Дар бораи муносибати партияи коргарӣ ба дин», «Дафтарҳои фалсафӣ» ва г. решаҳои ичтимоӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, гносеологии дин ва моҳияти он таҳлил шудаанд. В. И. Ленин алоқаи зичи идеализми фалсафиро бо *фидеизм* ва дин нишон дода, *худоҷӯй* ва *худосозӣ* барои равияҳои диниии фалсафиро ба зери тозиёнаи танқид гирифта, муносибати партияи большевикиро ба дину калисо муайян кардааст. Принципи ленинии ба вазифаҳои муборизаи синфии пролетариат бароя

сохтмони ҷамъияти нав тобеъ намудани таҳқиди дин аҳамияти бағоят калон дорад. Ин принципҳо асоси муҳимтарини ҳуҷҷатҳои КПСС оид ба масъалаи тарбияи атеистӣ, қонунгузории совети дар бораи дину оин гардидаанд.

Ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь, дигаргунсозиҳои социалистии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маданӣ ва кори азими идеологии КПСС СССР-ро ба аввалин кишвари атеизми оммавӣ табдил дод. Акнун, ки дар мамлакатамон ҷамъияти мутараққии социалистӣ сохта шудааст, аксарияти аъзоёни он аз дин рӯй гардондаанд. Ҳоло масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ-материалистӣ ва атеистии меҳнаткашон, ки онро программаи нави КПСС ва қарори съездҳои 20—25 КПСС ба миён гузоштаанд, масъалаи муҳимтарини атеизми илмӣ мебошад. Ниг. низ. *Тарбияи атеистӣ*.

Ад.: Маркс К. и Энгельс Ф., Об атеизме, религии и церкви, М., 1971; Ленин В. И., Об атеизме, религии и церкви, М., 1969; Асосҳои атеизми илмӣ, Д., 1970. Замони ҳозира ва атеизм, Д., 1973. Вопросы научного атеизма, Д., 1966. Деятели Октября о религии и церкви, М., 1968; Францев И., Научный атеизм, М., 1971. История и теория атеизма, М., 1974; Григорян М. М., Курс лекций по истории атеизма, М., 1974. *Р. Маҷидов, С. Додобоева.*

АТЕРОМА (юн. athēra — шӯла), ҳосилаи омосшакли бехавф. Дар пӯст е клетчаткаи зери пӯст аз басташавии маҷроҳои моддаҳое, ки ғадуди чарбу ҷудо мекунад, ба вуҷуд меояд. А. аз моддаҳои чарб, кристаллҳои холестерин ва бофтаи эпители иборат аст. А. бештар варам карда мадда пайдо мекунад.

Муолиҷа: амали ҷарроҳӣ.

АТЕРОСКЛЕРОЗ (юн. athēra — шӯла ва skleros — сахт), бемории музмини системаи, ки аз осеби артерияҳои диаметрашон калон ва миёна сар мешавад. Ҳангоми А. артерия ҳолати эластикиашро гум карда, дар сатҳи дарунаш моддаҳои чарби ба шакли пулакчаҳои зардчатоб ҷамъ мешавад ва боиси тағйирёбии деворааш он мегардад. А. дар ҷавонӣ ҳам атероматоз ба вуҷуд омада, сол аз сол бештар мешавад. А. нисбат ба мардон дар синни 3—4 маротиба камтар ва ба ҳисоби миёна 10 сол баъдтар, одатан баъди огози давраи климактерӣ воҳеҳурад. Дар натиҷаи А. рагҳои ҳаётан муҳими дил ва майна осеб меёбанд ва А. боиси корношоямӣ ва марги фаврӣ бемор мегардад. Пайдоиши беморӣ аниқ маълум нашудааст. Лекин беш аз ҳама А. ба вайроншавии асаби — гормонии мубодилаи моддаҳои чарбӣ вобастааст (И. Н. Аничков, А. Л. Мясников, Б. В. Ильинский, Х. Х. Мансуров ва г.). Дар ҳолатҳои А. омилҳои ирсӣ ва аз ҳад зиёд тамоку кашидан сабаби асосӣ шуда метавонад. Як зумра олимони Европа (Г. Рибберт, К. Ашитц, Д. Синаспус ва г.) ақидае доранд, ки процесси касалӣ аз вайроншавии қобилияти таровиши пардаи дарунии артерия дар натиҷаи дар деворааи пардаи дохилии он ҷамъшавии яке аз сафедаҳо — фибрин ва баъд аз ин дар натиҷаи таҳшиншавии холестерин ва диг. моддаҳои чарбӣ сар мезанад. Азбаски пулакчаҳои атеросклерозӣ хосияти таҷзияшавӣ доранд, сатҳи дарунии артерияро ҷароҳатнок мекунанд ва дар рӯи онҳо бештар моддаҳои фибрину сафедавӣ ҷамъ шуда, тромб (судда) ҳосил менамоянд. Ин процесс боиси бемориҳои хавфнок (*инфаркти миокард, тромбози* рагҳои мағзи сар) мегардад.

Барои пешгирии А. беҳтар намудани шароити зист ва кор (риояи режими кор ва истироҳат, оромии системаи асаб, машғулият бо варзиш ва г.), дар хӯрок камтар истифода кардани гӯшт, равғани ҳайвонот, ангиштоб, бештар истеъмол намудани равғани наботот ва витаминҳо аҳамият дорад.

А.-ро ба таври комплексӣ бо дорувор, парҳез, варзиши тиббӣ, режими хоб ва истироҳат; дар баъзе мавридҳо бо амали ҷарроҳӣ муолиҷа мекунанд.

Ад.: Ильинский Б. В., Атеросклероз, Л., 1960; Мясников А. Л., Атеросклероз, М., 1960. *Х. Х. Мансуров.*

АТЕТОЗ (юн. athetos — поустувор), ҳуд аз ҳуд кашишхӯрии рагҳои ангуштони дасту по, баъзан рӯ ва диг. қисмҳои бадан. А. дар натиҷаи осеби (захмӣ, сироятӣ ва г.) ҳуҷайраҳои зери қишри майна ба вуҷуд меояд.

Муолиҷа: рафъи бемории асосӣ; истифодаи дорухои зидди рагкашӣ, баъзан амали ҷарроҳӣ.

АТИҚА (ар. عتيقة қадима, бостонӣ, кӯҳна), мафҳумест, ки ба қадима мансуб будани осор ва ёдгориҳоро ифода мекунад.

АТИҚАИ ҲОФИЗ عتيقة حافظ ибни Шуҷоъ (с. тав. ва ваф. номаълум), мутрибаи а-ҳои 8—9 (тав. дар Ироқи Аҷам, ваф. дар Бағдод). Ӯ аввалин занест, ки ҳамчун сарвари мактаби мусиқии Бағдод як силсила мутрибаҳоро тарбия намудааст. Даноиир, Олия, Ҳабиба, Салома барои занону духтарон санъати мусиқӣ ва ҳофизиро аз А. Х. омӯхтаанд. Бастакор, ҳофиз ва машшоқи машҳури замони Ибни Муҳарр (а-ҳои 8—9) низ аз шогирдони А. Х. буд. *А. Раҷабов.*

АТЛАНТ (юн. Atlas), 1) дар асотири Юнони Қадим баҳодури қавиҷусса, яке аз фарзандони Уран ва Гея, ки бо фармони *Зевс* гунбази фалакро ба сари китфаш ҳуд бардошта меистод. Зевс ба ӯ барои дар муборизаи азимҷуссаҳо бар зидди ҳуҷоёни иштирок карда-



наш чунин ҷазо дода буд. 2) Дар санъати меъморӣ муҷассамаи мардест, ки сари забаррав, тоқи шифти бино, пешайвон ва ғ-ро нигоҳ медорад.

АТЛАНТИДА, ҷазираи бузурге дар уқ. Атлантик, дар ғарби гул. Гибралтар, ки гӯё 10—12 ҳаз. сол муқаддам вуҷуд дошт. Мувофиқи ривоят дар А. қабилаи маданӣ ва пуриқтидори атлантҳо, ки дар Ғ. ва Ш. ҷангида, шаҳрҳои калон буньёд намуданд, сокин буданд. Мувофиқи маълумоти Афлотун, А. баъди заминҷунбии мудҳиш ба қаъри уқёнус фурӯ рафт. Як қатор олимон борҳо кӯшиданд, ки мавҷудияти А.-ро аниқ намоянд, вале ҳоло дар илм дар ин хусус фикри ягона нест. Сабаби нест шудани он ҳам номаълум аст.

АТЛАС, навъе аз матои абрешимӣ ва нимабрешимӣ. Абрешимиашро асосан барои либоси занона, нимабрешимиашро барои абраи кӯрпаю кӯрпача ва ғ. ба кор мебаранд. Дар гузашта А.-и Хуҷанд, Самарқанд, Конибодом, Андиҷон ва диг. ш-ҳои Осиёи Миёна хеле машҳур буд. А.-и олисифат ва хушранги хонатлас меномиданд, ки дар дастгоҳҳои махсус мебофтанд. Нусхаҳои анъанавиаш Шоҳсабз, Барги карам ва А.-и сиёҳ ном доштанд. Тори 12 бандаи атлас 44 см бар дошт. Аз ҳар чашми теги дастгоҳ 4—8 нах абрешимро мегузаронидаанд. Ду навъи А.-и анъанавӣ: чорпопушалӣ ва ҳаштпопушалӣ маъруф буд. А.-и навъи аввалро дар дастгоҳи чорпопушал ва чоргула мебофтанд. Дар ин гуна дастгоҳ попушали якум бо гулаи дуюм, попушали дуюм бо гулаи чорум пайванд мешуданд. Попушалро ба тарзи I—III—II—IV пахш менамуданд. Дар натиҷа се нах ба рӯй баромада, як нах дар поён мемонд. Беҳтарин навъҳои А.-ро дар дастгоҳи ҳаштпопушалӣ мебофтанд. Дар ин дастгоҳ попушали 1 бо гулаи 2, попушали 2 бо гулаи 3, попушали 3 бо гулаи 1, попушали 4 бо гулаи 4, попушали 5 бо гулаи 5, попушали 6 бо гулаи 6, попушали 7 бо гулаи 8, попушали 8 бо гулаи 7 пайваста мешуд. Попушалҳоро ба тарзи I—VIII—II—VII—III—VI—IV—V пахш мекарданд. Ҳангоми пахш кардани попушали якум гулаи дуюм поён шуда, байни нахи зер ва нахи болои он кушода мешавад ва аз байни онҳо пуди якум мегузарад. Ҳамин тавр дар байни 8 нах 8 пуд болои ҳам ҷой гирифта, матои якрӯя бофта мешуд. Зеро як нах дар таг монда, ҳафт нах боло мебаромад. Ҳоло дар корхонаҳои Душанбею Хуҷанд, Шаҳринаву Кӯрғонтеппаи иттиҳодии «Точикатлас» зиёда аз 20 навъи А. («Бахори Точикистон», «Ҷавонӣ», «Тӯҳфа», «Тӯёна», «Муҳаббат», «Дилором» ва г.) истеҳсол мешавад. А.-и точик берун аз ҳудуди ватани пахноварамон низ шӯҳрат пайдо кардааст. *Н. Турсунов.*

Тасвирро ниг. дар саҳ. 96—97.

АТЛА́С, кӯҳҳои Атлас, кӯҳсор дар шим. ғарбии Африка, дар ҳудуди Марокаш, Алҷазоир ва Тунис. Тӯлаш аз Ғ. ба Ш. 2000 км. Аз якчанд қ-кӯҳҳои мутавозӣ ва массивҳо иборат. Қисми ғарбии А. баланд (к. Тубкал 4165 м, дар Марокаш), рельефаш мураккаб; қисми шарқиаш (дар ҳудуди Алҷазоир ва Тунис) — паст ва камбар. А. асосан аз оҳаксанг, мергель ва гилҳои гуногун таркиб ёфтааст Конҳои оҳан, сурбу руҳ, кобальт, молибден, фосфорит, намак ва ғ. дорад. Нишебаҳои шим.-ро то бал. 800 м буттазори ҳамешасабз ва аз он болоро булутзор фаро гирифтааст.

АТЛА́СИ ГЕОГРАФӢ, маҷмӯаи мураттаби харитаҳои географӣ, ки ба шакли китоб ё альбом нашр шудааст. Номи «Атлас»-ро нахустин бор с. 1595 картограф Меркатор ба шарафи Атлас — шоҳи афсонавии Либия, ки гӯё глобуси аввалини осмонро сохтааст, истифода бурд. С. 1701 С. Ремезов якумин А. г.-и рус — «Чертёжная книга Сибири»-ро тартиб дод. А.-ҳои г. аз рӯи мазмун, таъинот ва ҳаҷм гуногунанд. Онҳо ба А.-ҳои дунёё, мамлакатҳои алоҳида, вилоят, кишварҳо, А.-ҳои умумии географӣ, А.-харитаҳои махсус, А.-ҳои комплексӣ, туристӣ, сафарӣ ва г. тақсим мешаванд. А.-и комплексӣ — «Атлас Таджикской ССР» таҳти роҳбарии акад. АФ РСС Тоҷ. И. Қ. Нарзиқулов с. 1968 аз чоп баромадааст. *Х. Очилов.*

АТЛАСӢ (Petunia), авлоди растаниҳои як ё бисёрсолаи алафӣ, мансуби *авранчиҳо*. Пояи хобанда, баъзан рости сершохчаи мӯякдор, барги тухмшакли бедумча, гули нафиси сафед, пилгун, қирмизӣ, бунафш, ранг-ранг ва ғӯзамева дорад. Дар дунёё 25 намудаш паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. ҳам, як намудаш бо номи гули патуниӣ писандӣ умум гаштааст. А. аз тобистон сар карда, то фарорасии фасли сармо мешукуфад. А.-ро аз тухм ва қаламчаашр месабзонанд; дар тубак, гулгашт, хиёбон ва гулбоғҳо парвариш мекунанд. Тасвирашро ниг. дар мақолаи *Гули патуниӣ*.

Ад.: Цветоводство в городах и посёлках Таджикистана, Д., 1965.
М. М. Шарифова.

АТЛЕ́ТИКА, 1) маҳорати афзун гардондани қувва, чолокӣ ва ғ. ба воситаи машқҳои ҷисмонӣ. Мафҳуми А. аз калимаи юнонии атлет омада, маъноаш паҳлавон, варзишгар, шахси тануманди пурқувват аст. Дар тарбияи ҷисмонии муосир истилоҳи А. расман дар номи *атлетикаи сабук* ва *атлетикаи вазнин* боқӣ мондааст. Аммо А. ба ҳаман намудҳои спорт хос мебошад. 2) Навъи санъати цирк. Ба барномаҳои цирк машқҳое, ки қувва ва чусту чолокиро талаб мекарданд, дар ибтидои а. 19 дохил шудаанд.

АТЛЕ́ТИКАИ ВАЗНИН, навъи спорт, мусобиқаи вазнбардорӣ (штангабардорӣ). Ин намуди атлетика дар замонҳои қадим ҳам вуҷуд дошт (борбардорӣ, ғӯштингирӣ), аммо мафҳуми ҳозираашро с. 1946 гирифт, ки ин ба штангабардорӣ хос аст. Программаи нави махсус (аз 1972) дудаста бо як шаст бардоштан, инчунин тела дода бардоштани штанга (дар ин ҳолат штанга ба ду навбат бардошта мешавад: аз рӯи тахта ба сари сина ва аз он ба боло) ва натиҷаи ҳосили вазни бардошташударо ба ҳисоб мегиранд. Дар мусобиқаҳои байналхалқӣ аз рӯи 10 категорияи вазн (вазнҳои то 52 кг — зиёда аз 110 кг) қувва меозмоянд; дар СССР чемпионати 1-ум янв. 1923 барпо гашт. Спортсменҳои СССР оид ба ин намуди спорт аз с. 1946 то 1976 дар чемпионатҳои ҷаҳону Европа ва Бозиҳои олимпӣ 247 медали тилло ба даст овардаанд. Чемпиони ҷаҳон, одами зӯртарини рӯи замин В. И. Алексеев дар Бозиҳои олимпии ш. Монреаль (1976) 255 кг штангаро якбора бардошта, 77-умин бор рекорд гузошт. 81-умин рекорд низ ба В. И. Алексеев мансуб аст (1977). А. в. дар Тоҷикистон низ сол то сол ривоҷ ёфта истодааст. *Н. Турсунов.*

АТЛЕ́ТИКАИ САБУК, навъи спорт, ки ба он машқҳои давидан, ҷаҳидан, партофтан ва ғ. дохил мешавад. А. с. шаҳсро чусту чолок, ҷасуру моҳир, тобовару бақувват гардонда, барои ҷисман дуруст инкишофьёбии ӯ аҳамияти калон дорад. А. с. намудҳои ҳосил гуногунро дорост, ки аксари онҳо шакли спорти оммавӣ гирифта, ба комплекси ГТО ва программаи тарбияи ҷисмонии мактабҳои миёна ва олӣ дохил шудааст. Дар СССР мусобиқаи 1-ум 1918 барпо гашт. Дар Иттифоқи Советӣ зиёда аз 65 наф. чемпионҳои ҷаҳон (П. И. Зибина, М. П. Кривоносов, В. Д. Кузнецов ва ғ.), даҳҳо чемпионҳои Бозиҳои олимпӣ ҳастанд. А. с. дар Тоҷикистон аз с. 1926 ниҳоиб сол то сол тараққӣ мекунад. *Н. Турсунов.*

АТМОСФЕ́РА, воҳиди фишор, ки дар соҳаҳои гуногуни физика, химия ва техника васеъ истифода мешуд. А.-и нормалӣ ё физикӣ (атм ё atm) фишорест, ки дар *Системаи воҳидҳои байналхалқӣ* ба 101325 *паскаль* баробар аст: 1 атм. = 101325 Па = 101325 Н/м².

АТМОСФЕ́РАи Замин (юн. atmos — буг ва sphaira — кура), қабати ҳавои атрофи кураи Замин. Аммо одатан А. гуфта ҳамон соҳаи атрофи Заминро мефаҳманд, ки дар он муҳити газӣ ҳамроҳи Замин гирд мегардад (қабати ҳавои атрофи сайёраҳои дигарро низ А. меноманд). Массаи А. тақрибан $5{,}15 \cdot 10^{15}$ т аст. Фишор ё ҳуд зичии А. бо мурури зиёд шудани баландӣ кам мешавад. Ғафсии А. ҳазорҳо км тӯл кашад ҳам, массаи асосии он дар қабати назди сатҳи Замин ҷой гирифтааст. Қариб 50% массаи А. дар 5 километри аввал воқеъ мебошад. Зичии А. дар сатҳи Замин 10^{-3} г/см³, дар баландии 700 км тақрибан 10^{-16} г/см³ ва болотар аз он баробари зичии муҳити байнисайёравӣ аст. Аз ин рӯ, сарҳади А. муайян нест. А. аз омехтаи нитроген (78,084%), оксиген (20,948%), газҳои инертӣ — 0,934% аргон, 0,000524% гелий, 0,0018% неон, 0,000114% криптон, $8{,}7 \cdot 10^{-6}$% ксенон, инчунин аз гидроген ($5 \cdot 10^{-5}$%), метан ($2 \cdot 10^{-4}$%), гази карбон (0,0314%), оксиди нитроген (I) ($5 \cdot 10^{-5}$%), оксиди сульфур (IV) (0—10^{-4}%), озон (0—$7 \cdot 10^{-6}$%), оксиди нитроген (IV) (0—$2 \cdot 10^{-6}$%), миқдори ночизи аммиак, оксиди карбон ва йод иборат аст. Таркиб ва хосиятҳои физикии А.-ро бо ёрии аэростат, кура-зонд, радиозонду самолётҳо, қабатҳои болои онро бо ёрии ракетаҳои метеорологӣ, радифҳои маснӯи Замин (дар СССР — силсилаи радифҳои маснӯи «Космос», системаи метеорологии «Метеор», дар ШМА силсилаи радифҳои маснӯи «Тайрас» ва «ЭССА») тадқиқ мекунанд. А.-ро вобаста ба тақсимоти ҳарорат дар қабатҳои гуногун ба чанд қабат (тропосфера, стратосфера, мезосфера, термосфера, экзосфера), ки хосиятҳои гуногуни физикӣ доранд, ҷудо мекунанд.

Тропосфера қабати ба сатҳи Замин наздиктарини А. мебошад, ки дар мавзеъҳои назди экватор аз сатҳи баҳр 16—18 км, дар арзҳои миёна то 10—12 км ва дар арзҳои қутбӣ 8—10 км баланди дорад. Сарҳади болои тропосфера (тропопауза) умуман баландии муайян надорад ва вобаста ба мавсим, алалхусус, вобаста ба процессҳои атмосферӣ тағйир меёбад. Дар тропосфера ҳарор. дар ҳар 1 км баландӣ ба ҳисоби миёна 6,5°С паст мешавад ва дар тропопауза ба — 45÷—75°С мерасад. Дар тропосфера қариб ҳаман буғҳои обӣ атмосферӣ гирд омадааст ва процессҳои асосии тағйири обу ҳаво ҳамин ҷо сурат мегиранд. Суръати бод дар тропосфера дар ҳар км баландӣ 2 м/сон афзуда, дар қабати ҳудудии байни тропосфера ва стратосфера ба 55—150 м/сон мерасад.

Стратосфера қабати аз тропосфера болои А. мебошад. Дар стратосфера ҳарор. дар ҳар 1 км баландӣ ба ҳисоби миёна 2—3°С меафзояд ва дар сарҳади болоо (40—50 км) киматҳои мусбат (то 50—55°С) мегирад. Сабаби баланд шудани ҳарор. ин аст, ки озони ба таъсири шуоъафканиии ультрабунафшии кӯтоҳмавҷи Офтоб дар стратосфера пайдошуда қисми шуоъафканиии ультрабунафширо фурӯ мебарад. Озон режими мукарраршудаи А.-ро нигоҳ медорад ва мавҷудоти зиндаи Заминро аз таъсири ҳалокатовари шуоъафканиии кӯтоҳмавҷи Офтоб ($\lambda < 29$А) эмин медорад. Дар стратосфера буғи об мавҷуд

нест (дар ин бора маълумоти сахеҳ ба даст наомадааст), процессҳои фаъоли пайдоиши абрҳо ва боришот вуҷуд надоранд, аммо баъзан дар баландиҳои 20—30 км абрҳои нукратоб мушоҳида мешаванд. Осмони стратосфера ҳатто рӯзона ҳам бунафшранг ё кариб сиёҳтоб менамояд (ба сабаби пароканиши сусти рӯшноии Офтоб). Байни стратосфера ва қабати аз он боло (мезосфера) қабати мобайнӣ — стратопауза ҷой мегирад.

Мезосфера аз баландиҳои 40—50 то 80—85 км кашол меёбад. Ҳарор. дар ин қабат боз паст мешавад ва дар сарҳади боло то — 70÷—÷—90°С мерасад. Болотар аз мезосфера мезопауза ва аз он болотар термосфера ҷой гирифтааст.

Термосфера аз баландии 90 км сар мешавад ва вобаста ба баландии афзудани ҳарор. хоси он аст. Тадқиқоти ракети (зондонӣ бо ракетаҳо) нишон дод, ки дар баландии 150 км ҳарор. ба 220—240°С мерасад. Ҳарор. баланди термосфера натиҷаи ҳаракати тези зарраҳои газ мебошад (аммо на аз ҳисоби барҳӯрди онҳо, зеро зичии зарраҳо дар термосфера бағоят кам аст). Ҳарор. ҷисм (зарра) дар термосфера танҳо ба ин вобаста аст, ки он чисм аз Офтоб чи қадар гарми мегирад ва худ чи қадар гарми меафканад.

Экзосфера, ки қабати аз 800 км болоро ишғол мекунад, қабати охирини қисми берунии А. мебошад (онро сфераи пароканиш ҳам меноманд). Экзосфера тадричан ба фазои байнисайёравӣ мегузарад. Дар экзосфера зарраҳои газ ба дарачае тез ҳаракат мекунанд, ки ҳарор. дар ин ҷо то 2000°С баланд мешавад. Зарраҳои гази нихоят тупук аҳёнан-аҳёнан ба якдигар бармехӯранд ва баъзе аз онҳо (махсусан атомҳои гидроген) дар роҳи худ ба заррои диг. вонаҳӯрда, бо суръати кариб 12 км/сон ба фазои байнисайёравӣ пароканда мешаванд. Қабатҳои болоии А.-ро ҳодисаи ионизация хос аст, ки бо таъсири шуъоъҳои корпускулавӣ ва ультрабунафшии баландэнергияи Офтоб сурат мегирад. Барои ионизация шарояти мусоид дар баландиҳои 100—120 ва 200—300 км мухайё мегардад. Ҳамин қабатҳои ионизациянишудаи А. ионосферароро ташкил медиҳад.

Ионосфера мавҷҳои радиоро мешикофад, инъикос мекунад, ғуруб мебарад ва ноқилиятӣ электрикиро ҳуб дорад. Ноқилиятӣ мавҷҳои радиоро инъикос кардани ионосфера радиоалоқаи дурро имконпазир мегардонад. Дар ионосфера фаҳмӣ кутбӣ, таҷлиои осмонӣ, шабоҳа ва тӯфонҳои магнитӣ ионосферӣ (нигр. *Таҷлиоти осмонӣ*) мушоҳида мешавад. Ионизацияи танҳо қабати поёнии термосфераро низ хос аст, аз ин рӯ онро ҳам ионосфера меноманд. Аз таркиби А. якчинса нест, онро боз ба ду қабат — гомосфера (якчинса) — аз сатҳи Замин то баландии 100—110 км ва гетеросфера (ғайри якчинса) — аз 110 км боло, ҷудо мекунанд. Ба сабаби ҷойивазкунии уфуқиву амудии ҳаво таркиби ҳавои А. (ғайр аз озон ва гази карбон) то баландии 100—120 км чандон тағйир намеёбад. Махсусан зичии гази карбон якбора тағйир меёбад, ки миқдори он дар қабати наздики сатҳи Замин ба хусусиятҳои сатҳ, олами набототи рӯи он, фаъолияти организмҳо ва процессҳои сӯзиш вобаста аст. Дар таркиби А. то баландии 200 км нитроген, аз он боло оксигени атомӣ, дар қабати 500—1000 км (ва ҳангоми пурзӯр шудани фаъолияти Офтоб дар баландии аз 1000 км боло ҳам) миқдори гелий ва гидроген бештар аст. Миқдори газҳо дар қабатҳои болоии А. ночиз аст. Дар таркиби А. ғайр аз газҳо буғҳои об низ мавҷуд аст. Миқдори буғҳои об ба ҳисоби миёна аз рӯи ҳаҷм дар арзҳои кутбӣ 0,2% ва дар атрофи экватор 2,5% (дар баъзе ҷойҳо то 4%) аст. Миқдори буғҳои об дар А. ба ҳарор. ҳаво мутаносиби рост аст, бинобар ин аз қабат ба қабат миқдори буғ кам мешавад (дар баландии 5 км дарачаи чандирии буғҳои об назар ба наздикии сатҳи замин 10 баробар ва дар баландии 8 км 100 баробар кам аст). Дар стратосфера миқдори буғҳои об ночиз аст. Ғайр аз газҳои номбурда ба таркиби ҳаво газҳои дигари маҳсули процесси сӯзиш — оксидҳои сульфур, нитроген, фосфор ва г. низ дохил мегардад.

Дар таркиби А. инчунин зарраҳои дар ҳаво муаллақи гарду ғубор, заррачаҳои сахти дуд, дуда, қатраҳои маҳлули кислотаҳо, зарраҳои намаки баҳр, микроорганизмҳо, чангу ғубори кайҳонӣ, зарраҳои кӯҳиши радиоактивӣ ва г. мавҷуданд. Ғашҳои сахту моеъ асосан дар қабатҳои поёнии А. паҳн гардида, ҳавои шаҳрҳои калонро чиркин мекунанд. Дар баъзе маҳалҳо ба ҳар 1 см³ ҳаво то сад-ҳо ҳазор зарраҳои ғаш рост меояд. Ғашҳои иловагиро ҷараёнҳои ҳаво ба масофаҳои калон мекӯчонанд.

Х. Г. Очилов.

Тасвирро нигр. дар сах. 176—177.

АТО ИБНИ ЯЪҚУБ عطاء ابن يعقوب Ҳоҷа Амид Абулъало маъруф ба Нокӯк (с. тав. номаълум — ваф. 1097), шоири форс-тоҷик. Аз соҳибмансабони дарбори Султон Иброҳими Ғазнавӣ (1059—99) буда, баъдтар ба ғазаби султон гирифтор ва маҳбус гардидааст. Шоир беш аз 8 сол дар зиндон (дар Ҳиндустон) ҳобида, дар ҳамон ҷо вафот кардааст. А. и. Я. бо *Масъуди Саъди Салмон* (1046—1122) дӯсти доштааст. Масъуди Саъд дар вафоти вай марсия навишта, ӯро бо неки ёд кардааст. А. и. Я. ба ду забон — форсӣ ва арабӣ шеър сурудааст. Авфӣ дар ду забон девони ашъор доштани ӯро қайд кардааст, вале ин девонҳо то ҳол пайдо нестанд. Авфӣ дар *«Лубоб-ул-албоб»* аз ашъори форсӣ ва арабии вай намунаҳо овардааст, ки аз маҳорати баланди шоирии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. А. и. Я. дар ашъори худ ба масъалаҳои ҳаётӣ бештар мурочиат мекунад. Шоир сабаби ҳамаи гирифторӣ ва нокомиҳои худро аз фазлу донишаш меҳисобад. Бо унвони «Барзунома» ва «Бежаннома» ду достон аз А. и. Я. боқӣ мондааст, ки дастнависҳояшон дар китобхонаҳои ватанӣ ва хоричӣ мавҷуданд. «Барзунома» (9958 байт) достони эпикӣ буда, дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ суруда шудааст. «Бежаннома» ҳам достони қаҳрамонӣ буда, аз 1900 байт иборат аст.

Т. Исъматзода.

АТОБОЕВА Ҳоҷалхон (тав. 15. 1. 1915, қиш. Қумқӯрғони Намангон), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1949). С-ҳои 1931—68 колхозчии к-зи ба номи Сталини р-ни Намангони вил. Намангони РСС Узб., сардори звено ва колхозчии к-зи «Коммунисти Тоҷикистон» (ҳоло «Съезди 22-юми партия») р-ни Ленини РСС Тоҷ. Ан с. 1968 нафақахӯри шахсӣ. Звенои А. с-ҳои 1946—47 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Бо 2 ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.



АТОЕВ Маҳмуд (тав. 1896, Файзободи Афғонистон), яке аз муборизони роҳи барпо ва мустаҳкам кардадани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1924. Аз оилаи камбағал. С-ҳои 1917—20 коргари э-ди пахтаи Тирмиз, 1920—26 аскари ихтиёрии Армияи Сурх. С-ҳои 1926—27 ҷонишини сардори банки х. к., 1927—28 ҷонишини раиси Комитрояни ш. Сталинобод. С-ҳои 1928—31 котиби Комитети партиявии р-ни Арал, 1931—32 ҷонишини нозири маорифи халки республика буд. С-ҳои 1932—35 — ғаҳсил дар Ин-ти коммунистии ш. Москва. С-ҳои 1935—36 сардори шуъбаи сиёсии МТС дар Уротеппа, 1936—37 котиби Комитети партиявии р-ни Шаҳристон, 1937—38 директори Ин-ти педагогии Душанбе, директори Дорулмуаллимин дар Тошкент. С-ҳои 1938—41 директори курсҳои раисони комитрояниҳои районӣ дар назди Со-

вети Вазирони Тоҷикистон. С-ҳои 1941—49 сардори банки х. ҷ., 1949—50 директори Комб. хўроки ш. Сталинобод. С-ҳои 1950—62 директори коллектори китобхонаҳои Управлениями савдои китоби республика. Аз с. 1962 нафақахўрї шахсї. Дар Съезди 2-юми ПК Тоҷикистон (1931) аъзои КМ партия ва се маротиба аъзои КИМ РСС Тоҷ. интихоб гардидааст. Бо ордени Ситораи Сурх (1967), 8 медаль ва 4 Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АТОЕВ Миратулло (тав. 7. 10. 1938, деҳаи Ёхсуи р-ни Данғара), бастакори советии тоҷик. Аз оилаи деҳқон. Дар хурдсолї ятим монда, дар хонаҳои бачагонї Кангурт (ҳоло р-ни Совет) ва Душанбе тарбия гирифт. С-ҳои 1951—54 дар мактаби мусиқї ва аз с. 1955 то 1959 дар синфи рубоби (муаллим Д. Айрапетянц) Омўзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе меҳонад. С-ҳои 1959—65 дар синфи бастакории Консерватории давлатии Тошкент таҳсил карда, баъди хатми он — мудири шўъбаи фанҳои назариявии Омўзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе (1965—69), мудири кафедраи фанҳои назариявии фак-ти санъати Ин-ти педагогии ш. Душанбе (1969—71) ва ҳоло директори мактаби миёнаи махсуси мусиқии ш Душанбе. Аз с. 1957 ба офаридани асарҳои мусиқї шурўъ кардааст. Асарҳои А.: соната барои фортепиано (1963), концерт барои фортепиано ва оркестри симфонї (1965), симфонияи «Муборизо» (ба 50-солагии Рев Октябрь, 1966), концерт барои скрипка ва оркестр (1968), достони симфонии «Қаҳрамонони Сталинград» (1973), кантата барои солист, хори бачагона ва оркестри симфонї (1974), сюита, мусиқї ба спектакльҳо, пьесаҳо барои асбобҳои мусиқї ва оркестр, романсҳо ва г.

АТОЕВ Пўлод (тав. 1923, ш. Хуҷанд), пиштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанї (1941—45), дорандаи се ордени Шараф дараҷаи 1, 2, 3. Аъзои КПСС аз с. 1945. Аз оилаи коргар. Бори аввал дар деҳаи Красный Константиновка-и вил. Кировоград барои тарконидани нуқтаи отаишфишонї душман ва аз маидони ҷанг бароварданї командири маҷрўҳ сазоворн ордени Шараф дараҷаи 3 гардид (1943). Ордени Шараф дараҷаи 2 с. 1944 барои вайрон намудани алоқаи байни қўшунҳои душман ва асир гирифтани аскарони немис, ордени Шараф дараҷаи 1-умро барои нест кардани дзоти душман (1945), баъди 25 соли тамом шудани ҷанг гирифт. С. 1959 А. шўъбаи гонбонаи Ин-ти педагогии Ленинободро хатм кард. Аз с. 1969 дар Ленинобод мудири шўъбаи Ин-ти республикавии ахбороти илмї-техникї ва пропагандаи назди Госплан мебошад. А. бо якчанд медальҳои ҷангї мукофотонида шудааст.

АТОЛА, таоми равон (суюқ), ки аз равғану орд тайёр мекунанд. А. навъҳои бисьёр дошта, тарзи пухтани он низ гуногун аст. Ордро ба равғаи омехта, то сурх шудан бирьён мекунанд, баъд об рехта меҷазанд. Ба А. баъзан шир ва ё тухм меандозанд. А. барои баъзе касалиҳо аҳамияти муолиҷавї дорад. Дар Қаротегин, Дарвоз ошї буридаро низ ошї А. мегўянд. Нег. *Кочї*. *М. Ҳомидчонова.*

АТОЛИҚ (аз туркї — падарї), дар аморати Бухоро амалдори баланд-мартаба, ки арзу доди мардумро шунида, ба амир мерасонд.

АТОЛЛ (аз мальдивї — атолу), ҷазираи марҷонии ҳалқашакле, ки мурдобаи тунукобро (чуқуриаш то 100 м) иҳота кардааст. А. дар натиҷаи замшавии боқимондаи полипҳои марҷонї дар атрофи конуси вулқонҳои зериобї пайдо мешавад. Диаметраш то 50—60 км. А. асосан дар уқ-ҳои Ором ва Ҳинд дучор мешавад.

АТОМ (юн. atomos — тақсимнашаванда), хурдтарин қисми элементи химиявист, ки андозаҳои микроскопї ва массаи бағоят хурд дорад ва ҳомили ҳамаи хосиятҳои ин элементи химияви мебошад. Ҳар як элементи химиявї бо А.-и худ тавсиф дода мешавад ва ишораи муайян дорад (мас. А.-ҳои гидроген H, охан Fe, тилло Au ва г.). А. ҳам дар ҳолати озод буда метавонад ҳам дар ҳолати пайвастагї бо А.-ҳои диг. А.-ҳои ба яклигар пайваст заррахои нисбатан мураккаб — молекулахоро ба вуҷуд меоранд. Сабаби мавҷудияти пайвастҳои химиявии гуногуншакл (газҳо, моеот, ҷисмҳои сахт ва моддаҳои мураккаб) дар он аст, ки А.-ҳо дар комбинацияҳои гуногун ба ҳамдигар ҳамчун молекулаҳо пайваст мешаванд. Хусусиятҳои пайвастагиҳои химияви ва молекулаҳои алоҳида ба хусусиятҳои А.-ҳои таркиби онҳо вобаста аст. А. система-ест, ки аз ядрои вазнини дорои заряди электрикии мусбат ва ҷилди электронии сохиби заряди манфї иборат мебошад ва тобеи қонуниятҳои квантист. Ҳамаи хосиятҳои А. бо сохти ҷилди электронии он муайян карда мешавад. Аз ҷумла, андозаи А. ($\sim 10^{-8}$ см) ба андозаи кабати берунаи электронии он вобаста аст, ки ин аз андозаи ядро (10^{-13} —10^{-12} см) 10^4 —10^5 маротиба калон мебошад.

Заряди ядрои А., ки баробари $+Ze$ аст, тавсифи асосии А. буда, ҳамеша ба бузургии мутлақи заряди электрон ($-e$) каратист. Дар ин ҷо $Z = 1, 2, 3,...$ рақами тартибї (ё рақами атомї)-и А.-ро дар *системаи даврии элементҳои химиявии Менделеев* ифода мекунад. Дар А.-и нейтрал ядрои зарядаш $+Ze$ дар атрофи худ Z электрони заряди умумиашон — Ze-ро нигоҳ медорад, бинобар ин заряди пурраи А.-и нейтрал баробари нол аст. Вале А. дар ҳолатҳои ионии дорои заряди мусбат ё манфї низ воқеъ гашта метавонад. Баъди ионизация дар ионҳои мусбат $Z-k$ (k — каратнокии ионизация) электрон боқї мемонаду дар ионї манфї $Z+k$ электрон ва заряди онҳо мувофиқан баробари $+ke$ ё $-ke$ мешавад. Барои ионҳои мусбат $k = 1, 2, 3,..., Z$ ва барои ионҳои манфии озод $k = 1$ ҳасту барои ионҳои алоқаманд $k > 1$ шуда метавонад. Андозаи ионї манфї аз андозаи А.-и нейтрал ҳамеша калонтар мебошад. Э. Резерфорд дар таҷрибаҳои худ доир ба пароканиши альфа-заррахо (1911) тартиби бузургии Z-и А.-ҳои гуногунро муайян карда буд. Г. Мозли (1913—14) дар асоси спектрҳои рентгении А.-ҳо қимати Z-ро барои ҳамаи элементҳои маълуми системаи даврии аниқ кард. Ба ($-e$) карати будани Z дар асоси тасаввурот имрўзаи мо оид ба сохти ядрои А. шарҳ дода мешавад.

Z ба шумораи протонҳои таркиби ядро баробар аст. Ҳар як протон заряди $+e$ дорад. Маҳз ба ҳамин сабаб заряди ядро ба ҷамъи зарядҳои ҳамаи протонҳои ядро, яъне $+Ze$ баробар мешавад.

Массаи А. асосан бо массаи ядроаш муайян мешавад (чунки массаи электрон аз массаи протон ё нейтрон ~ 1840 маротиба хурд аст) ва бо зиёд шудани Z меафзояд. Массаи ядро ба адади массаи A [ҷамъи адади протонҳо Z ва нейтронҳо $(A-Z)$] тақрибан мутаносиб аст ва аз $1{,}67 \cdot 10^{-24}$ г (массаи А.-и гидроген) то $\sim 4 \cdot 10^{-22}$ г (фермий, $Z = 100$) тағйир меёбад. А.-ҳои гуногуни як ($Z = \text{const}$) элементе, ки ядрои онҳо бо адади нейтронҳояшон $(A-Z)$ фарқ мекунанд (мас., H^1, D^2 ва T^3, O^{15}, O^{17} ва O^{18} ва г.) *изотопҳои* ҳамин элемент ном гирифтаанд ва хусусиятҳои химиявии якхелаву хусусиятҳои физикии ба ҳам наздик доранд.

Энергияи А. ва характери квантии он. Энергияи пурраи А. бо ҷамъи энергияи кинетикии ҳамаи электронҳо (T) ва энергияи потенциалии ҷозибаи онҳову ядро ва телаҳўрди электронҳо аз ҳамдигар (U) муайян карда мешавад. $E = T + U$. Ядрои А. и гидроген аз як протон иборат аст ва дар атрофи он

як электрон давр мезанад. Аз назари механикаи классикӣ энергияи пурраи ин гуна система

$$E = T + U(r) = \frac{mv^2}{2} - \frac{e^2}{r} \qquad (1)$$

аст. Ин ҷо m ва v — масса ва суръати электрон, r — масофаи байни электрону ядро.

Энергияи потенциалӣ $U(r) = -\frac{e^2}{r}$ танҳо ба r вобастагӣ дорад (расми 1 *а*). Қимати $U(r)$ дар нуқтаи дури беохир ба сифати қимати нулии энергияи потенциалӣ қабул шудааст. Дар мавриди $E<0$ будан электрон бо ядро алоқаманд мебошад, вале ҳангоми $E>0$ будан — озод, зеро дар ин сурат электрон бо энергияи $\frac{mv^2}{2}$ А.-ро тарк мекунад, ки ба А.-и гидрогени ионизациянашуда $H+$ мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, А.-и гидрогени нейтрал Н системае мебошад, ки $E<0$ дорад. E тавсифи асосии А. (чун системаи квантӣ) мебошад. А. вақти дуру дароз танҳо дар ҳолатҳои энергиашон муайян — ҳолатҳои стационарӣ воқеъ гашта метавонад. Мавҷудияти ин ҳолатҳо яке аз қонунҳои асосии физикаи ҳодисаҳои микроскопӣ — физикаи квантист. E-и системаи квантӣ яке аз қиматҳои дискретии қатори

$$E_1,\ E_2,\ E_3,\ldots\ (E_1<E_2<E_3\ldots) \qquad (2)$$

-ро соҳиб мешаваду дар ҳолатҳои мобайнӣ (дар байни E_1 ва E_2, E_2 ва E_3... ва г.) вуҷуд дошта наметавонад. Ин гуна системаро системаи энергияаш квантонидашуда меғӯянд ва методи муайян кардани қиматҳои имконпазири энергияи онро квантонии энергия меноманд. Ҳар як тағьироти E бо гузариши квантӣ (ҷаҳишнок)-и система аз як ҳолати квантии стационарӣ (савияи энергетикӣ) ба ҳолати дигари стационарӣ муайян карда мешавад (расми 1 *б*). Савияи аз ҳама поён ($E_1=E_{min}$) савияи асосӣ ном гирифтаасту ҳама савияҳои боқимонда — савияҳои ангехта.

Квантонии энергияи А. натиҷаи он аст, ки электронҳо (ҳамаи зарраҳои элементарӣ) хосияти мавҷӣ доранд (ниг. *Дифракцияи зарраҳо*). Микрозарраи массааш m ва суръаташ v аз нуқтаи назари механикаи квантӣ дорои дарозии мавҷи $\lambda = \frac{h}{mv}$ аст (h — собитаи Планк). Барои электрони А. $\lambda \sim 10^{-8}$ см аст. Аз ин рӯ хусусиятҳои мавҷии онро ба назар гирифтан ҳатмист. Ҳаракати электрон дар А. мавҷи истонро мемонад ва онро чун процесси мураккаби лаппишӣ муоина кардан лозим. Барои мавҷи истон дар ҳаҷми маҳдуди фазо танҳо қиматҳои муайяни λ (ё ҳуд басомади лаппиш ν) имконпазир аст. Чуноник механикаи квантӣ меғӯяд, $\nu = \frac{E}{h}$ аст, яъне системаи А.-монанд танҳо қиматҳои муайяни энергияро соҳиб мешавад, яъне спектри энергетикии дискретӣ дорад. Барои А.-и гидроген силсилаи дискретии қиматҳои энергия ҳангоми $E<0$ (расми 1) будан ҳосил мешавад. Ҳангоми $E>0$ будан ҳаракати электрони озод (электрони аз А. кандашуда) ба паҳншавии мавҷи давон дар ҳаҷми номаҳдуди фазо монанд аст, ки барои ин гуна мавҷ ҳама қиматҳои λ (ё ν) имконпазир мебошад ва спектри энергияи ин гуна электрон бефосила аст, яъне квантонида нашудааст. Ин ҳолат мавриди ионизацияи А.-и гидрогенро мувофиқ меояд. Қимати E_∞ сарҳади ионизация буда, $E_\infty - E_1 = E_{ион}$ — энергияи ионизация. Барои А.-и гидроген $E_{ион} = 13{,}6$ эВ аст.

Расми 1. Энергияи атоми гидроген: *а* — қиматҳои имконпазири энергияи пурра E, E_1, E_2, ... (хатҳои горизонталӣ) ва графики энергияи потенциалӣ (хати каҷ); *б* — схемаи савияҳои энергия (хатҳои горизонталӣ) ва гузаришҳои квантии оптикӣ. Соҳаи $E > 5$ ба ҳолатҳои электрони озод тааллуқ дорад.



ТаҚсимоти зичии электронӣ. Азбаски электрон хусусиятҳои мавҷӣ дорад, онро чун объекти нуқтагие, ки мувофиқи назарияи Бор (ниг. *Физикаи атом*) аз рӯи мадорҳои муайян ҳаракат мекунад, муоина кардан нодуруст аст, яъне мафҳуми траектория дар механикаи квантӣ маънӣ надорад. Бинобар ин онҳоро дар шакли «абри электронӣ» тасаввур мебояд кард. Дар ин гуна модель, ки ҳолати электронро дар А. тавсифи дуруст медиҳад, мафҳуми нав — зичии электронӣ ҷорӣ карда мешавад. Ин мафҳум тақсимоти заряди электрикии электронҳоро дар фазои атрофи А. тавсиф медиҳад. Дар баробари ин мадорҳои бориро бо тақсимоти зичии электронии муайян муқоиса кардан мумкин аст. Зичии электронии ба савияи E_1 мутобиқ дар соҳаи ба ядро наздиктарин ҷой мегираду зичиҳои ба савияи E_2 мутобиқ — дар масофаи миёнаи аз он дуртар ва г. Дар А.-и мураккаб ин электронҳо қабатҳои электронӣ ташкил медиҳанд. Энергияи бандиши электронҳои А. дар ин қабатҳои электронӣ бо мурури аз ядро дур шудани қабатҳо кам мешавад. Ҳангоми ионизация А. электронҳои беруниро худро гум мекунад.

Ба ҳисоб гирифтани спини электрон ва спини ядро. Дар назарияи А. ба ҳисоб гирифтани спин (ё ҳуд моменти хусусии импульс)-и электрон ҳатмист. Спин аз нуқтаи назари макрофизика ба чархиши зарра дар атрофи меҳвари хусусии ҳуд алоқаманд аст. Спини электрон сабаби мавҷудияти моменти магнитии он низ мебошад. Ин аст, ки дар А. баробари таъсири мутақобили электростатикӣ таъсири мутақобили магнитӣ низ сурат мегирад. Спини электрон яке аз параметрҳои асосиест, ки адади электронҳоро дар қабатҳои электронии А. муайян мекунад. Спин ядрои А.-ро низ хос аст. Мавҷудияти спини ядро ҳам боиси ҷой доштани таъсироти мутақобили иловагии багоят сусти ядро ва электронҳо мегардад. Ин таъсирот дар таҷзияи иловагии савияҳои энергетикии А., яъне дар структураи фавқунозук зоҳир мегардад.

Савияҳои энергетикии атоми гидроген ва ионҳои гидрогенмонанд. Методҳои механикаи квантӣ имкон медиҳанд, ки рафтори электрон ва ҳолатҳои имконпазири он дар А.-и якэлектрона саҳеҳ муайян карда шавад. (Масъалаи муоинаи А.-ҳои бисёрэлектрона бо ин методҳо танҳо такриби ҳал карда мешавад). Энергияи А.-и якэлектрона (дар сурати ба назар нагирифтани спин)

$$E_n = -\frac{Rz^2}{n^2} \qquad (3)$$

аст. Бузургии $n = 1, 2, 3, ..., \infty$ қиматҳои имконпазири дискретии энергия (савияҳои энергетикӣ)-ро муайян мекунад ва ададҳои квантии асосӣ ном дорад; $R = 13{,}6$ эВ собитаи Ридберг аст. Ин савияҳои энергетикиро, ки онҳоро борн аввал Н. Бор муоина карда буд, мадорҳои радиусашон

$$a_n Z = a_0 n^2/Z \qquad (4)$$

рост меояд. Дар ин ҷо $a_0 = 0{,}529 \cdot 10^{-8}$ см (барои $n = 1$, $Z = 1$) радиуси якуми борӣ, ё худ радиуси якуми мадори доиравии электрони А.-и гидроген мебошад. Ин радиус ҳолати асосии А.-ро муайян мекунад.

Ҳолатҳои квантии А.-и гидроген. Ҳолати А.-и гидроген аз назари механикаи квантӣ бо қиматҳои дискретии чаҳор бузургии физикӣ — энергия E, моменти мадорӣ M_e, проекцияҳои моменти мадорӣ M_{ez} ва моменти спинӣ M_{sz} ба самти (z)-и дилхоҳи фазо муайян карда мешавад. Қиматҳои имконпазири ин бузургиҳоро *ададҳои квантӣ* муайян мекунанд:

1. E — бо ададҳои квантии асосӣ $n = 1, 2, 3, ..., \infty$;
2. M_l — аз рӯи қонуни $M_l^2 = \hbar^2 l(l+1)$ $\left(\text{дар ин ҷо } \hbar = \frac{h}{2\pi}\right)$ — бо ададҳои квантии мадорӣ $l = 0, 1, 2, ..., n-1$;
3. $M_{lz} = \hbar m_{lz}$ — бо ададҳои квантии магнитии мадорӣ; $m_l = l, l-1, ..., 0, ..., -l$ (ҳамагӣ $2l+1$ қимат мегирад);
4. $M_{sz} = \hbar m_s$ — бо ададҳои квантии магнитии спинӣ $m_s = +\frac{1}{2}$ ё $-\frac{1}{2}$ (ҳамагӣ 2 қимат мегирад). Ҳамин қиматҳои ададҳои квантии n, l, m_l ва m_s ҳолати электронро дар А.-и гидроген муайян мекунад. Ин ҳолатҳо одатан бо 1s, 2s, 2p, 3s, 3d ишорат мешаванд, ки дар онҳо рақамҳо қимати n-ро ва ҳарфҳо қиматҳои мутобиқ ба $l = 0, 1, 2, 3, ...$-ро ифода мекунанд. Шумораи умумии ҳолатҳои гуногун бо ададҳои квантии асосӣ n муайян карда мешавад:

$$\sum_{l=0}^{l=n-1} 2(2l+1) = 2n^2 \qquad (5)$$

Ҳамин тариқ, ба ҳар як савияи энергияи А.-и гидроген 2, 8, 18,..., $2n^2$ ($n = 1, 2, 3, ...$)-то ҳолати квантии стационарии гуногун мувофиқ меояд.

Ҳолатҳои квантии ионҳои якэлектрона (гидрогенмонанд) низ бо ҳамин ададҳои квантӣ муайян мешаванд; барои ин гуна ионҳо тақсимоти зичии электронӣ ҳам мисли тақсимоти зичии электронии А.-и гидроген мебошад, вале назар ба он Z маротиба зиёд аст; бинобар ин дар ионҳои гидрогенмонанд андозаи мадорҳои электронӣ мутаносибан хурд мешавад.

Таъсири майдонҳои беруна ба савияҳои энергияи А.-и гидроген. А. дар майдонҳои электрикӣ ва магнитии беруна чун ҳаргуна системаи электрикии диг. ба энергияи иловагӣ соҳиб мешавад. Майдони электрикӣ А.-ро поляризация мекунаду майдони магнитӣ вектори моменти магнитии А.-ро самти муайян медиҳад. Ҳолатҳои гуногуни А.-и гидрогени дорои ҳамон як энергияи E_n + ΔE-ро дар майдони беруна энергияи иловагии ΔE-и гуногун мувофиқ меояд. Бинобар ин савияи энергияи $E_n + \Delta E$ ба чанд зерсавия тақсим мешавад (расми 2). Бузургии



Расми 2. Таҷзияи савияи энергия дар майдони магнитии беруна.

таҷзия ҳам дар майдони электрикӣ (*ҳодисаи Штарк*) ва ҳам дар майдони магнитӣ (*ҳодисаи Зееман*) барои савияҳои энергияи А.-и гидроген ба шиддатнокии майдонҳо мутаносиб мебошад. Таъсири мутақобили магнитии дохили А. низ таҷзияи савияҳои энергияро сабаб мешавад. Чунончи, таъсири мутақобили моментҳои спинӣ ва мадорӣ боиси ба вуҷуд омадани структураи нозуки савияҳои энергия, яъне таҷзияи савияҳои ангехтаи E_n $(n>1)$ мегардад.

Ҷилди электронии А.-ҳои мураккаб. Азбаски А.-и мураккаб 2 ва зиёда электрон дорад, электронҳои он байни худ таъсири мутакобил мекунанд. Ин ҳол татбиқи назарияи А.-и гидрогенро барои А.-ҳои мураккаб номумкин мегардонад. Дар А.-ҳои мураккаб энергияи бандиши электрону ядро назар ба ҳамин бузургии А.-ҳои якэлектрона хурдтар аст. Дар назарияи А.-ҳои мураккаб принципи айният (фарқнопазирӣ)-и электронҳо (умуман заррачаҳои спинашон $s = \frac{1}{2}$), ки аз *принципи Паули* сар мезанад, роли бағоят бузург мебозад. Мувофиқи ин принцип дар ҳолати квантии муайян (ҳолате, ки бо маҷмӯи қиматҳои додашудаи чаҳор ададҳои квантӣ — n, l, m_l ва m_s муайян карда мешавад) танҳо як электрон буда метавонад. Ин принцип дар А.-и мураккаб ба вуҷуд омадани ҷилдҳои электронии ададҳои электронҳошон муайянро сабаб мешавад. Электронҳое, ки барои онҳо n ва l дода шудаанд, энергияи баробар доранд ва ҷилди электронии алоҳидаро ташкил медиҳанд. Ин электронҳо электронҳои эквивалентӣ ном гирифтаанд. Барои онҳо қиматҳои m_l ва m_s гуногунанд. Бинобар ин ададҳои электронҳои эквивалентӣ $g_l = 2(2l+1) = 2, 6, 10, 14, ...$ бупа, ҷилди додашудаи нурро муайян мекунад. Барои n-и додашуда электронҳо қабатро ташкил медиҳанд, ки он аз ҷилдҳои $l = 0, 1, 2, ..., n-1$ иборат буда, $2n^2$ электрон дорад. Ин қабатҳоро бо K, L, M, N, O, P ва Q ишорат мекунанд, ки дар онҳо ин қадар электрон метавонад: (нг. • сах. 292).

Қабати ба ядро наздиктарин K мебошад, баъд L, M, N қабатҳо ҷой мегиранд. Мас., конфигурацияи электронии А.-и металли ишқории натрий ин тавр аст: $1s^2\ 2s^2\ 3p^6\ 3s^1$ (рақамҳои дарачаи ҳарфҳо ададҳои электронҳоро дар ҷилди додашуда нишон медиҳанд). Энергияи бандиши электрон дар А. бо афзоиши n ва барои n-и додашуда бо афзоиши l кам мешавад. Сабаби даврияти хусусиятҳои элементҳои химиявӣ низ шабоҳати ҷилдҳои электронии беруна мебошад. Мас., А.-ҳои нейтрали диг. металлҳои ишқорӣ — Li, K, Rb, Cs, Fr низ монанди Na дар ҷилди берунаи худ яктой s-электрон доранд, ки маҳз ҳамин сабаби шабоҳати хусусиятҳои химиявии онҳост.

Гузаришҳои квантӣ дар А. Дар натиҷаи гузаришҳои квантӣ А. аз як ҳолати стационарӣ (аз як савияи энергия) ба ҳолати стационарии диг. мегузарад. А. дар сурати аз савияи боло (E_l) ба савия поён (E_k) гузаштан энергияи $(E_l - E_k)$-ро ҳориҷ мекунад; дар ҳолати акс А. ҳамин миқдор энергияро фурӯ мебарад. Гузаришҳои квантӣ ду навъ мешаванд: бо шуоъафканӣ (гузаришҳои оптикӣ) ва бешуоъафканӣ (гузаришҳои ғайриоптикӣ). Дар гузаришҳои оптикӣ А. фотони басомадаш ν ё энергияаш $E_l - E_k = h\nu$ (6)-ро меафканад ё фурӯ мебарад. Дар гузариши $E_k \longrightarrow E_l$ спектри фурӯбарии А. ва дар гузариши $E_l \longrightarrow E_k$ спектри афканиши он ба вуҷуд меояд. А. агар дар ҳолати асосӣ воқеъ бошад, фақат ба фурӯбарии энергия қодир аст. Дар ҳолати асосӣ А. муддати дурудароз вуҷуд дошта метавонад, аммо умри А.-и ангехта маҳдуд ($\sim 10^{-8}$ сон) аст.

Маҷмӯи басомадҳои гузаришҳои имконпазири оптикӣ спектри оптикии А.-ро муайян мекунад. А.-и гидроген мувофиқи формулаҳои (3) ва (6) ҳатҳои спектрии басомадашон

$$\nu = \frac{E_l - E_k}{h} = \frac{R}{h}\left(\frac{1}{n_k^2} - \frac{1}{n_l^2}\right) \qquad (7)$$

дорад. Дар ин ҷо $n_k = 1, 2, 3, ...$, $n_l = n_k + 1, ...$ Дар сурати $n_k = 1$ ва $n_l = 2, 3, ...$ будан, серияи Лайман, $n_k = 2$ ва $n_l = 3, 4, ...$ — серияи Бальмер, $n_k = 3$ ва $n_l = 4, 5 ....$ — серияи Пашен ҳосил мешавад (расми 1 б).

Дар гузаришҳои ғайриоптикӣ А. дар натиҷаи бархурд бо заррачаҳои муҳит энергия медиҳад ё қабул мекунад. Агар ин бархӯрд чандир бошад, энергияи дохилии А. тағйир намеёбад. Дар сурати бархӯрди ғайричандир А. аз як савия ба савияи дигари энергия мегузарад.

Хусусиятҳои химиявӣ ва физикии А. Қариб ҳамаи хусусиятҳои А. бо сохт ва характеристикаҳои ҷилдҳои электронии берунаи он муайян карда мешавад. Таъсири сохти қабатҳои электронии даруниӣ ба хусусиятҳои А. фақат ҳангоми таъсири мутақобили он бо заррачаҳои ба-

n	1	2	3	4
Қабат	K	L	M	N
l	0	01	0 1 2	0 1 2 3
Ҷилдҳо	$1s$	$2s2p$	$3s\ 3p\ 3d$	$4s\ 4p\ 4d\ 4f$
Адади электронҳо	2	2+6	2+6+10	2+6+10+14
дар қабат		8	18	32

лапдэнергия зоҳир мегардад. Спектри рентгении А. ва пароканиши заррахои баландэнергияро аз А. ҳамин таъсири мутақобил муайян мекунад. Ҳангоми ба ҳам наздик шудани ду А. байни онҳо (ё байни электронҳои ҷилдхои берунаи онҳо) таъсири мутақобили электростатикии пурзӯр пайдо мешавад, ки боиси ба вуҷудони банди химиявӣ (яъне ба вуҷуд омадани молекула) мегардад. Дар натиҷаи таъсири мутақобили ду А.-и аз якдигар нисбатан дур онҳо ҳамдигарро поляризация мекунанд. А. дар майдонҳои электрикии берунаи ё бо таъсири майдони электрикии мавҷи рӯшной (электромагнитӣ) низ поляризация шуда метавонад. Дар ин маврид бузургии поляризацияи А. ба басомади мавҷи рӯшной вобастааст. А.-ҳое, ки ҷилдҳои электронии берунаашон монанд мебошанд, хусусиятҳои магнитии якхела доранд. Моменти магнитии А. ба моменти механикии он вобаста аст; барои А.-ҳое, ки ҷилди электронии пур доранд (ин конфигурацияи электронии А.-ҳои газҳои инертиро мемонад), ҳам моменти магнитӣ ва ҳам моменти механикӣ баробари нол мебошад (А.-ҳое, ки ҷилди электронии онҳо комилан пур нест, А.-ҳои парамагнитӣ пом гирифтаанд ва моменти магнитии онҳо доимист). Дар майдони магнитии берунаи ҳамаи А.-ҳо дорои хусусияти диамагнитӣ (аз сабаби ба вуҷуд омадани моменти магнитии индуциронида) мегарданд. Бо мурури аз ҷилди берунаи А. пай дар пай дур кардани электронҳо хусусиятҳои он тағьир меёбад — дар ин сурат мас., қобилияти поляризациякунавандагии А. кам, вале басомади гузаришҳои оптикӣ зиёд мешавад.

Ад.: Шпольский Э. В., Атомная физика, т. 1—2, М., 1974.

Я. Шукуров, А. Норқулов.

АТОМИЗМ, атомистика, таълимот дар бораи сохти атомии *материя.* А. дар мамлакатҳои дунёи қадим (Ҳиндустон, Хитой, Эрон, Юнон) дар натиҷаи мушоҳидаи бевоситаи ҳодисаҳои табиат (буғшавӣ, суфта ва хӯрдашавии ҷисмҳо) ва мулоҳизаронии абстрактӣ ба вуҷуд омада, ғолибан ҳамчун таълимоти материалистӣ инкишоф ёфтааст. Ҷисмро ба қисмҳо тақсим кунем, — мулоҳиза мекарданд мутафаккирони қадим,— ин тақсим саранҷом ба ҷое мерасад, ки ҷисмҳои ғайри қобили тақсим ба даст меояд. Ҳамин зарраи хурдтарини моддаро ҳиндувон «параману», чиниҳо «пи», юниниҳо «атом» (тақсимнопазир) номиданд. Дар фалсафаи асрҳои миёнаи араб ва халқҳои эронинажод атомро ҷузъи (ҷузви) лоятаҷаззо ё ҷавҳари фард меномиданд. Дар Ҳиндустон А.-ро мактабҳои фалсафии *чарвака, аҷивика, вайшешика, санкхья* ва г. таркиб мекарданд. Ба ақидаи Капилла — асосгузори мактаби санкхья — олами модди аз нуқтаҳои моддии бе ҳаҷму андоза таркиб ёфтааст. Мутафаккирони Юнони Қадим *Левкипп, Демокрит* ва *Эпикур* олами сагиру кабирро аз атомҳо ва фазои холи (хало) иборат медонистаанд. Мисли он, ки аз ҳарфҳои гуногуни алифбо бо тартиби муайян калимаҳои гуногун сохтан мумкин аст, атомҳои гуногун бо тартиби муайян ба ҳам пайваста моддаҳои гуногунро ташкил медиҳанд. Атомҳо шаклу андозаи муайян доранд ва ҳамеша дар ҳаракатанд. Эпикур вазнро низ хосияти асосии атом ҳисоб мекард. К. Маркс ба ин таҳмини ӯ баҳои баланд додааст. Таълимоти атомистии юниниҳоро *Лукреций* дар достони фалсафиаш «Дар бораи табиати ашёё» ҷамъбаст намудааст. Ибни Сино дар «Китоб-уш-шифо» ақидаи Демокритро дар бораи сохти атомии модда хеле равшан баён кардааст. Вале Ибни Сино ба *Арасту* пайравӣ намуда А.-ро маъқул наёфтааст. Ӯ тарафдори муттасил тақсимшавии модда буда мавҷудияти фазои холиро рад мекард. Закариёи *Розӣ* ва Абӯрайҳони *Беруни* пайравони А.-и юниниҳо буданд. Дар мукотибаи Ибни Сино ва Беруни масъалаи мунфасилӣ ва муттасилии материя низ мавриди баҳс қарор гирифтааст, ки онҳо нуқсонҳои ақидаҳои ҳам Арасту ва ҳам Демокритро пай бурдаанд. Мутакаллимон (ниг. *Калом)* А.-ро таҳриф карда, бароии исботи қудрати илоҳӣ ва офаринишиои олам истифода кардаанд. Ба ақидаи онҳо атомҳо рӯҳонию фонӣ буда, ҳар сари чанд вақт аз тарафи худо аз нав офарида мешаванд. А.-ро аҳли *тасаввуф* низ ба таври худ қабул карда, бо таълимоти калом мувофиқ намуданд: дар ҳар зарра оламест ниҳон, мегуфтанд, зеро ҳар зарра ҷузъи рӯҳи мутлақ будааст (ниг. *Ваҳдати вуҷуд*). Дар а-ҳои 17—18 дар Европа А. шакли механистӣ мегирад. Атомҳои моддаҳои гуногунро саққо, ҳалқа ва чангакшакл пиндошта, ба онҳо хосияти механистиро нисбат медоданд: атомҳо дар фазои холӣ (мутлақ) мувофиқи қонунҳои механика ҳаракат мекунанд. И. Ньютон бар хилофи Х. Гюйгенс рӯшноиро низ аз корпускулҳо (заррахо) иборат медонист. Дар а. 19 назарияи А. ба химия роҳ меёбад. Ч. Дальтон вазни атомиро ҷорӣ мекунад (1803). Маҳфумҳои ион ва молекула пайдо мешаванд. Д. И. Менделеев системаи даврии элементҳои химиявиро кашф мекунад (1869—71). Ф. Энгельс аҳамияти А.-и ин даврарро таҳдир карда навиштааст: «Давраи нав дар химия аз атомизм ва дар физика, мувофиқан ба ин, аз назарияи молекулавӣ оғоз меёбад». Кашфиёти ҳодисаи радиоактивӣ (Пьер ва Мария Кюри, 1895), электрон (Ч. Томсон 1897) тасаввуроти маълумро дар бораи басит ва тақсимнопазир будани атом ба к.лли тағьир дод. Маълум шуд, ки электрон ягона заррае модда набудааст. Чуноне ки В. И. Ленин аниқназарона гуфта буд: «Электрон ҳам мисли атом бепоён аст». Пас аз кашфи назарияи квантӣ (М. Планк 1960) ва қабул кардани маҳфуми фотон (А. Эйнштейн 1905) даврае нави А. оғоз меёбад. А. ҳодисаи электромагнитӣ, аз ҷумла рӯшноиро низ фаро мегирад. Материя ҳам ба хосияти муттасилӣ (пайвастагӣ) ҳам мунфасилӣ (гусастагӣ) молик аст. Рӯшной ҳам мавҷ .сту ҳам зарра. Заррае модда (мас. электрон) хосияти мавҷиро низ дорост. Ягонагии диалектикии хосиятҳои муттасилӣ ва мунфасилии материяро, ки ҳанӯз Ф. Энгельс пеш гузошта буд, илми муосир тасдиқ кард. Бо ҳамин мубоҳисаи Демокрит ва Арасту, Абӯрайҳони Беруни ва Ибни Сино, Ньютон ва Х. Гюйгенс бо синтези диалектикии ақидаҳои онҳо анҷом ёфт. Баъди кашфи ядрои атом (Э. Резерфорд, 1911) масъалаи сохти атом ба миён гузошта шуд. Аввалан модели сайёрагии Э. Резерфорд, сонӣ модели Н. Бор тасаввуроти моро дар бораи сохти атом равшан кард. Атом аз ядро ва қабатҳои электронӣ таркиб ёфтааст. Ядро аз протонҳо ва нейтронҳо иборат аст, ки онҳо дар ҷараёни таъсири мутақобилааанд ва ҳам ба энергияи бузурге моликанд (Ниг. *Энергияи атомӣ).* Ғайр аз заррахое, ки ба таркиби атом дохил мешаванд, боз диг. заррахои сершуморе кашф шудаанд (позитрон, мезонҳо, гиперонҳо ва г.). Электрон ва позитрон ба ҳам бархӯрда ба фотонҳо (заррае рӯшной) табдил меёбанд ва баръакс, фотон ба электрон ва позитрон ҷудо мешавад. Ин ҳодисаро идеалистон ҳамчун маҳвшавӣ ё офаридашавии материя ба қалам доданд. Дар асл ин ҳодисаҳо на пест шудани материя, балки аз як навъ ба навъи дигар гузаштани онро нишон медиҳанд. Умуман А. зина ба зина инкишоф ёфта асосӣ илмии ҷаҳонбинии материалистиро ташкил менамояд.

Ад.: Маркс К., Различие между натурфилософией Демокрита и натурфилософией Эпикура, дар кит.: Маркс К. и Энгельс Ф., Из ранних произведений, М., 1956; Энгельс Ф., Анти-Дюринг, Д., 1976; Резерфорд Э., Строение атома и искусственное разложение элементов,

пер. с англ. М.-Л., 1923; Маковельский А. О., Древнегреческие атомисты, Баку, 1946; ҳамон муаллиф, Атомистика на Ближнем Востоке, «Вопросы философии», 1957, № 3; Кедров Б. М., Атомистика Дальтона, М.-Л., 1949; Зубов В. П., Развитие атомических представлений до начала XIX в., М., 1965.
М. Осимӣ.

АТОМОХО́Д, номи умумии киштиҳое (рӯиобӣ ва зериобӣ), ки дар онҳо ба сифати манбаи асосии энергия дастгоҳи қувваи ядроӣ истифода мешавад. Аввалин киштии граждании яхшикани атомии «Ленин» дар СССР с. 1959 сохта шуд, ки зарфияти он 16 000 т, иқтидори турбинаҳои асосиаш 32,4 МВт (44 000 қ. а.), суръаташ 33,3 км/с аст. С. 1975 калонтарин дар ҷаҳон киштии яхшикани атомии «Арктика» ба кор андохта шуд, ки зарфияти он 23460 т, иқтидораш 55 МВт (75000 қ. а.), суръаташ (дар оби соф) 39 км/с мебошад.

АТОНИЯ (юн. atonia — беҳолӣ, беқуввати), ниҳоят суст шудан ё ки барҳам хӯрдани фаъолияти мушакҳо ва узвҳои дохилии бадан (бачадон, меъда, рӯда ва ғ.). Дар натиҷаи А. узви бемадор вазифаи худро иҷро карда наметавонад. А. аз норасоии гизо, вайрон шудани асабҳо ва ғадудҳои эндокринӣ (дохилӣ) сар мезанад. А. модарзодӣ ҳам мешавад.

АТОРӮ́Д (ар. عطارد, Уторид, Тир, мунаҷҷимони қадим Дабири фалак ҳам меномиданд), сайёраи ба Офтоб наздиктарини системаи Офтоб. Аломати астрономиаш ☿. Нисбатан андозаи хурд дорад: диаметраш 4865 км (0,38 диаметри Замин), массааш $3{,}304 \cdot 10^{23}$ кг (0,055 массаи Замин ё 1 : 6023000 массаи Офтоб); зичии миёнааш 5,52 г/см³.

А. дар атрофи Офтоб аз рӯи мадори эллипсӣ давр мезанад. Масофаи А. то Офтоб ба ҳисоби миёна 58 млн км. Даври гардишаш дар атрофи Офтоб 88 шабонарӯз аст. Таҳо солҳои 60-уми а. 20 дар асоси мушоҳидаҳои радиолокационӣ муқаррар карда шуд, ки А. дар атрофи меҳвараш дар давоми 58,65 шабонарӯз як маротиба чарх мезанад. Давомати шабонарӯзи офтобӣ дар А. 176 рӯз мебошад.

Мушоҳидаи А. аз Замин душвор аст, зеро ки он ҳеҷ гоҳ аз Офтоб на бештар аз 28° дур меравад. Аз ин рӯ А.-ро таҳо шом ё субҳ метавон мушоҳида кард. Дурахшаш аз —0,3 то 0.6 кадри ситоравӣ тағйир меёбад. А. назар ба Моҳ камтар қобилияти нурҳинҷикоскунӣ дорад.

Киштии байнисайёравии америкоӣ «Маринер-10» (3 нояб. с. 1973 сар дода шуда буд) моҳи марти с. 1974 ошкор кард, ки дар атмосфераи тунуки А. (зичиаш назар ба зичии атмосфераи Замин тақрибан сад миллиард маротиба камтар аст) гелий, аргон ва ксенон мавҷуд мебошад. А. майдони магнитии аҷоибшакли то андозае пурзӯр дорад; ҳарорат дар сатҳи он аз +430° С то — 130° С тағйир меёбад.

АТОУЛЛОҲИ ҲУСАЙНӢ عطاءالله حسینی Маҳмуд (тақр. с-ҳои 40-и а. 15, Нишопур — ваф. 1513, Машҳад), адабиётшиноси форс-тоҷик. Дар чавонӣ ба Ҳирот омада ва дар ҳамин шаҳр касби камол кардааст. Бинобар ахбори *Хондамир* (дар «Макорим-ул-ахлоқ») А. Ҳ. дар сахтӣ ва мӯҳтоҷӣ умр ба сар бурда ва аз Навоӣ ёрию дастгирии моддӣ дидааст. А. Ҳ. дар мадрасаҳои «Султония» ва «Ихлосия»-и Ҳирот дарс гуфта, аксари вақти худро дар таҳриру таълиф мегузарондааст. А. Ҳ. дар соҳаҳои гуногуни назарияи адабиёт осори зиёде доштааст, ки имрӯз таҳо ду асари ӯ — *«Бадоеъ-ус-саноеъ»* ва «Рисолаи қофия» дастрас аст. А. Ҳ. афкори назарии донишмандони пешинро, махсусан доир ба санъатҳои бадеӣ ҷамъбаст намуда, ақидаи хоси худро баён кардааст. Ӯ бо тахаллусҳои «Ато», «Атоӣ» ва «Атоуллоҳ» шеър гуфтааст, ки дар баъзе сарчашмаҳои адабӣ ва зимни асарҳои илмии худаш дучор меояд.

Ас.: Бадоеъ-ус-саноеъ, бо сарсухан ва тавзеҳоти Р. Мусулмонқулов, Д., 1974.
Р. Мусулмонқулов.

АТОӢ اتائی **ибни Исмоили Балхӣ** (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 15 ӯзбек. Дар ш-ҳои Балх, Ҳирот ва Самарқанд умр ба сар бурдааст. Дар ашъори А. манзараҳои табиат ва лаҳзаҳои ҳаёти реалии инсон акс ёфтааст. Дар ғазалҳояш тасвири муҳаббати пок, садоқату сафо ва нобаробариҳои ичтимоӣ мавқеи муҳим дорад. Таъсири эҷодиёти классикони адабиёти форс-тоҷик дар ашъори А. зиёд аст. Навоӣ ба эҷодиёти А. баҳои баланд додааст. А. ба пешрафти адабиёти а. 15 ӯзбек ҳиссаи арзанда гузоштааст. Девонаш с. 1960 дар Тошкент ба табъ расид.
С. Султонов.

АТРГӮЛ (Rosa odorata), гулест ҳамешасабз, хушрангу бӯ, аз *настаранихо.* А.-ро бо парваришу пайванд, фарғон ва қаламчаю гардолудкунии настарани чинии атрбӯ (R. chinensis var. odorata) бо диг. настарану гулҳои садбарг рӯёндаанд. Дар замонҳои қадим А.-ро аз Хитой ба Ҳиндустон, як қатор шаҳрҳои машриқзамин (аз ҷумла ба Хуҷанд, Бухоро ва Самарқанд) ва ниҳоят дар а. 18 ба Европа ва диг. мамлакатҳо бурдаанд. Дар гулзорҳо А.-и садбарг ва печон назар ба А.-и панҷбарг бештар парвариш карда мешавад. Гулҳои А. гулобӣ, сурху зарди гуногунтобиш мешаванд. Ниҳол ва қаламчаи А.-ро навбаҳор ва тирамоҳ ба замини ҳосилхез шинонда, дуруст парвариш кунанд, бо мавсим (аз моҳи май то сармо) гул мекунад. А. сармобардор нест, лекин дар шароити Тоҷикистон ва диг. республикаҳои Осиёи Миёнаю Кавказ болояшро напӯшанд ҳам, зимистонро нағз мегузаронад.
Г. И. Мосолова.

АТРЕЗИЯ (аз *а...* ва юн. tresis — сӯроҳӣ), тамоман набудани сӯрохии табиӣ ё баста шудани дарунии узви наймоиандӣ бадан (аорта, ҳалқум, хирной, рӯда, пешоброҳа, мақъад, гарданаи бачадон ва ғ.). А.-и модарзодӣ (дар натиҷаи инкишофи нодурусти ҷанин дар батни модар) ва иктисобӣ (аз асари газак, сӯхтагӣ, зарбу лат ва ғ.) мешавад. А.-и модарзодӣ дар баъзе мавридҳо сабаби ҳалокати кӯдаки навзод мегардад.

Муолиҷа: амали ҷарроҳӣ.

АТРЕ́К, дарьё дар Эрон ва СССР. Тӯлаш 669 км. Масоҳ. қисми кӯҳии ҳавзааш 27300 км². А. аз к-ҳои Туркману Хуросон сар мешавад, аввал дар ҳудуди Эрон, баъд қад-қади сарҳади СССР ҷорӣ гашта ба б. Каспий мерезад. А. баҳор пуроб асту тобистон камоб. Сарфи миёнаи об дар назди ш. Қизилатрек дар як сония 10 м³, максималиаш бештар аз 100 м³. Болообаш аз водии тангу чуқур ҷорист. Обаш лой, дар ҳар м³ 18 кг обовард дорад. Шохоби калонаш — Сумбар. Бештари оби А. барои обёрии водии Машҳаду Қучон (Эрон) сарф мешавад.

АТРИБӮ́Т (лот. attribuo — мебахшам), хосияти зарурӣ, асосӣ ва муҳимми ҳодисаву ашёё (ниг. низ *Хосият).* Чунин фаҳмиши А. дар «Метафизика»-и Арасту ва осори пайравони ӯ *Форобӣ* ва *Ибни Сино* дарҷ шудааст. Р. Декарт, ки ба ҳастии ду ҷавҳар (субстанция) — моддӣ ва рӯҳӣ иқрор буд, мутаносибан ду А.-ро эътироф мекард: имтидод — атрибути модда, тафаккур — атрибути рӯҳ. Б. Спиноза, бар хилофи Р. Декарт, имтидод ва тафаккурро атрибути ҷавҳари ягонаи беинтиҳо мешумурд. Материалистони а. 18 Франция ба ҷуз имтидод, ҳаракат ва ҳассосиятро низ А.-ҳои материя медонистанд. Дар фалсафаи марксистӣ-ленинӣ ҳаракат, вақту фазо, азалияту абадият, беинтиҳоӣ, структурият ва объективияту эҳсосшавандагӣ А.-ҳои материя ҳисоб меёбанд. Дар санъати тасвирӣ А. нишонаи хоси образи бадеист, мас., дар санъати антиқа А.-и Геракл гурз аст. Дар грамматика *муайянкунанда*ро А. меноманд.
Н. Қулматов.

АТРО́Фи нуқтаи фазои метрӣ, маҷмӯи нуқтаҳое, ки масофаи онҳо то нуқтаи мазкур аз ягон адади мусбати R хурд аст (ниг. *Фазои метрӣ*). Ин гуна А.-ро сферавӣ ва адади R-ро радиуси он меноманд. Баъзан А.-и нуқтаи хати рост гуфта интервали дилхоҳ ва А.-и нуқтаи ҳамворӣ гуфта доираи кушодеро мефаҳманд, ки ин нуктаро дарбар мегирад.

АТРОФИ́Я (юн. atrophéo — гуруснаам), лоғарӣ, харобшавӣ, ҳолати бефаъолиятӣ ва ё хурд шудани ҳаҷм ва андозаи аъзои бадан. Одатан дар натиҷаи ҳар хел касалиҳо ва пиршавӣ ба амал меояд. Сабаби пайдоиши А. бартарӣ доштани процесси *диссимиляция* нисбат ба *ассимиляция* мебошад. Мас., баъзе узвҳо (ғадуди ҷоғар, тухмдон, ғадуди шир) бо мурури замон аз сабзиш монда бефаъолият мегарданд (инволюцияи синнусолӣ), ки ин А.-и физиологӣ аст. А.-и маразӣ (патологӣ) дар натиҷаи хароб шудани асабҳо ва ҳуҷайраҳои онҳо, узв, норасоии ғизо, таъсири омилҳои физикию химиявӣ ба амал меояд.

Муолиҷа: бартараф намудани сабабҳои пайдоиши А.

«АТ-ТАВА́ССУЛ ИЛА-Т-ТАРА́ССУЛ» التوصل الى الترسل («Ҷустуҷӯи усулҳои мукотибаи расмӣ»), асари Баҳоуддин (Шамсуддин) Муҳаммад ибни Муайяди Бағдодӣ, муншии *Такеш* Алоуддини Хоразмшоҳ (с-ҳои ҳукмронаш 1172—1200). Рисола аз рӯи ду дастнависе, ки яке дар китобхонаи Лейден (Нидерланд), дигаре дар китобхонаи миллии Париж маҳфузанд, дастраси тадқиқотчиён гардид. Дар асар баробари ҳуҷҷатҳои расмӣ, маслиҳатҳои Такеш ба ҳокимони сарҳаддии Ҷанд ва Барчанлиғканд низ ҷирд оварда шудаанд, ки барои омӯхтани ҳаёти иҷтимоӣ ва анъанаҳои миллии аҳолии воҳаҳои поёноби д. Сир дар а. 12 аҳамияти калон доранд. Ин рисоларо с. 1315 ҳ. ш. (1936) аз рӯи нусхаҳои мазкур олими Эрон Аҳмад Баҳманьёр ба чоп тайёр ва дастраси аҳли илм кард.

Ад.: Семёнов А. А., К вопросу об этническом и классовом составе северных городов империи Хорезм-шахов в XII в. н. э. «Изв. ООН АН Таджикской ССР», Сталинабад, 1952, № 2. *А. Ҷалилов.*

АТТАШЕ́ (франс. attashe — мутасаддӣ), рутбаи хурди дипломатӣ, ки мувофиқи қонуни аксар давлатҳо бо фармони вазири корҳои хориҷӣ ба баъзе коркунони намояндагии дипломатӣ ва идораҳои корҳои хориҷӣ, ки таҷрибаи 2—3-сола доранд, (ниг. низ *Рутбаҳои дипломатӣ*), дода мешавад, вазифаи штатӣ дар назди сафоратхона ё миссия. Дар муносибатҳои дипломатии байналхалқӣ, инчунин диг. А.-ҳои савдо, молия, ҳарбӣ, матбуот ва ғ. мавҷуданд. Ҳамаи А.-ҳо ба ҳайати намояндагии дипломатӣ дохил мешаванд ва имтиёз доранд. Дипломатияи совети А.-ҳои ҳарбӣ, ҳарбии баҳрӣ ва ҳарбии ҳавоӣ дорад. Онҳо ба сафоратхонаю миссияҳои дар мамлакатҳои хориҷа будаи СССР барои иҷрои функцияҳои мушовирони ҳарбӣ фиристонида мешаванд. Статуси ҳуқуқии А.-ҳои ҳарбӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо ба воситаи шартномаҳои махсуси байни давлатҳо ва нормаҳои ҳуқуқи байналхалқии аз тарафи умум эътирофшуда муайян карда мешаванд.

АТТЕСТА́Т, 1) ҳуҷҷати расмие, ки мувофиқи қонун барои тасдиқи ягон факти юридиқи дода мешавад; мас., шаҳодатномаи маълумоти миёна, шаҳодатномаи таваллуд; 2) дар Қуввоҳои Мусаллаҳи СССР ҳуҷҷатест, ки ба хизматчиёни ҳарбӣ дар вақти командировка, ҳангоми ба вазифаи диг. гузаштан барои таъминоти моддӣ дода мешавад, ҳуҷҷатест, ки аз рӯи он ояндаи хизматчии ҳарбӣ дар ҷои истиқоматаш як қисми маоши вайро мегирад; 3) дар Россияи тореволюционӣ шаҳодатнома дар бораи хизмати пештара ва ғ.

АТТЕСТА́ЦИЯ (лот. attestatio — шаҳодат), муайян кардани ихтисос, дараҷаи дониши корманд ё хонанда; баҳои қобилияти корӣ ва диг. сифатҳои мутахассис. А. дар вақти ба шахс додани дараҷа, унвон, рутбаи муайян ва ғ. гузаронида мешавад.

А́ТТИКА (юн. Attike), вилоят дар Юнони Қадим, марказаш ш. Афина. Ҳоло дар Юнон ноҳияе бо ҳамин ном мавҷуд аст.

АТТО́Р عطار Фаридуддин Абӯҳомид Муҳаммад ибни Абӯбакри Иброҳими Нишопурӣ (байни 1148—51, деҳаи Кадкани атрофи Нишопур — байни 1219—21), яке аз барҷастатарин намояндагони адабиёти суфия ва афкори ҷамъиятии форс-тоҷик. Номаш Муҳаммад, Абӯҳомид — кунья ва Фаридуддин лақаби ӯст. Азбаски падараш Абӯбакр ибни Иброҳим дӯкони аттории дошта, ба табобат машғул будааст ва худи А. низ аз ин пеша рӯз мегузарондааст, калимаи «Аттор»-ро тахаллус қарор додаст. Миқдори осори А.-ро тазкиранависон аз 40 то 190 ҳисоб кардаанд. А. дар муқаддимаи «Мухторнома» ва хотимаи «Хисравнома» аз таълифоти худ ин ҳоро ном бурдааст: «Мантиқ-ут-тайр», «Асрорнома», «Мусибатнома», «Илоҳинома», «Хисравнома», «Мухторнома», девони қасоид ва ғазалиёт, «Шарҳ-ул-қалб» ва «Ҷавоҳирнома» (ду асари охир то замони мо нарасидаанд). Асари дигари ӯ «Тазкират-улавлиё» шарҳи ҳол ва фаъолияти аҳли тасаввуфро дарбар гирифтааст. Дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр» ақидаҳои ирфонии А. нисбат ба диг. асарҳояш бештару возеҳтар инъикос ёфтаанд. Дар «Мухторнома» 5 ҳазор рубоии шоир гирд омадааст. Аксарияти рубоиҳои ӯ мазмуни ирфонӣ доранд. Вале дар ин миён баъзе рубоиҳоеро дарьёфт кардан мумкин аст, ки дар онҳо муҳаббати поки инсон тараннум шудааст. Ақидаҳои иҷтимоии А. бештар дар «Мусибатнома», ки яке аз асарҳои калонҳаҷми шоир аст, ифода ёфтаанд. Муаллиф дар хотимаи ин достон ба хонандаи асари худ мурочиат карда мегӯяд:

Гар диле мебоядат бисьёрдон,
Пас, «Мусибатнома»-и Аттор хон!

Дар «Илоҳинома» ва «Асрорнома» низ ақидаҳои ирфонии адиб баён шудаанд. Дар тамоми достонҳои зикршуда А. мақсаду мароми ирфонии худро ба воситаи ҳикоятҳои тамсилӣ ифода намудааст. Мувофиқи таълимоти ӯ олам таҷаллии ҷамоли ҳақ аст ва ҳар зарра, ҳар предмете, ки ба назар мерасад, ҷилвагоҳи ҷамоли ёр аст. Фалсафаи А. аз *ваҳдати вуҷуд* иборат аст. Ба ақидаи ӯ вазифаи инсон донистани ҳамин ваҳдат аст. Лекин барои ин ба инсон лозим аст, ки баъзе монеаҳоро бартараф намояд. Инсон дорои ду қувваи мутақобил аст: рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ. Дар процесси маърифати ин вуҷуди ягона ё ки ақли кул инсон бояд вуҷуди ҷисмонии худро ба дараҷаи нестӣ расонад. Ба ин восита қувваи рӯҳонӣ бар ҳайвонӣ ғолиб омада, шахс ба маърифати ақли кул нафақат наздик мешавад, балки бо он як мегардад. Ин ақида махсусан дар *«Мантиқ-ут-тайр»*, дар образи мурғон равшан ифода ёфтааст. Ба ақидаи А. роҳи ягонаи ҳақшиносӣ ин худшиносист. Процесси маърифати ҳақ ҷанд зина дорад: шариат, тариқат, ҳақиқат. Толиб ба воситаи шариат ба роҳи тариқат медарояд. Тариқат аз 7 водӣ иборат: талаб, ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат ва фано. Маърифат дар доктринаи умумии тасаввуф ба қатори зинаҳои шариат, тариқат ва ҳақиқат дохил аст, вале дар концепцияи тасаввуфи А. водӣ ба ҳисоб меравад. Баъди тайи водиҳои тариқат толиб ба ҳақиқат мерасад. Концепцияи тасаввуфи А. ба аҳкоми асосии ислом — ваҳйи илоҳӣ, ки гӯё танҳо ба пайғамбар мерасидааст, муқобил гузошта шудааст. Чунин гузориши масъала дар шароити зиндагии А. ба аҳамияти калон молик буд.

Дар системаи ҷаҳонбиниии А. ақидаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқии ӯ мавқеи муайян доранд. Шоир ахлоқи аҳли замонро дуруст тасвир карда, қаҳоҳат ва разолати сарватмандону амалдоронро ба воситаи киноёти тамсилӣ ва рамзӣ ошкор кардааст. Дар баробари ин ӯ ба аҳли заҳмат ҳусни таваҷҷӯҳ дошта, меҳнати онҳоро васф менамояд. А. аз зумраи он шоиронест, ки ба аҳли мансаб хизмат накардаанд. Дар байни ашъори ӯ шеъреро пайдо кардан маҳол аст, ки дар он мадҳу ситоиши шоҳ ё амалдоре дучор ояд. Ба қавли А. зиндагии дарбор аз тарсу ваҳм ва бими ҷон иборат асту бас, чунки «аз вазорат бӯи хун» меояд. Дар «Мантиқ-ут-тайр»-и ӯ меҳонем:

Ман зи кас бар дил кучо банде ниҳам,
Номи ҳар дуне худованде ниҳам.
Не таоми ҳеҷ золим хӯрдаам,
Не китоберо тахаллус кардаам.

А. бо афкори ахлоқии худ кӯшиш кардааст, ки амалдорони давр дар рӯҳи инсондӯстӣ ва хайрхоҳӣ тарбия кунад. Ӯ доир ба ахлоқ бо унвони «Футувватномаи манзум» асари алоҳидае дорад, ки дар он аз 72 сирати ҷавонмардӣ сухан ронда, ахлоқи ҳамидаро васф ва ахлоқи замимаро маҳкум менамояд. Эҷодиёти А. ба шоирон ва мутафаккирони баъдинаи форс-тоҷик таъсири бузурге расонидааст. Унсурҳои пешқадами тасаввуф, ки А. аз намояндагони аввалини ин таълимот гирифта, инкишоф додааст, дар ташаккули ҷаҳонбинии баъзе намояндагони адабиёт ва афкори ҷамъиятии форс-тоҷик: Ҷалолуддини Румӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва диг. нақши муайян боқӣ гузоштаанд. Ҷалолуддини Румӣ худро пайравӣ ғояҳои А. номидааст.

Аттор рӯҳ буду Саной ду чашми ӯ,
Мо аз пай Саноию Аттор омадем.

Таъсири А. дар ташаккулу инкишофи минбаъдаи афкори ҷамъиятию фалсафии халқҳои Осиёи Миёнаю Эрон нақш гузоштааст.

Ад.: Бертельс Е. Э., Суфизм и суфийская литература, М., 1965; Мухаммадходжаев А., Мировоззрение Аттора, Д., 1974.

А. Муҳаммадхоҷаев.

АТЪИМА́, ниг. *Абӯисҳоқи Атъима.*

АУКСИНҲО́ (юн. auxo — месабзонам, зиёд мекунам), моддаҳое, ки дар ҳуҷайраи растаниҳо ҳосил шуда, ангезандаи процессҳои рушди онҳо (рушди решаи қаламча, тақсимшавии ҳуҷайраи бофта ва ғ.) мебошанд; гурӯҳи *фитогормонҳо.* Миқдори ками А. ангезандаи рушди растанӣ буда, миқдори зиёдашон таъсири бад мерасонанд. А. аз рӯи сохт оксикислотаҳои якасосаанд. Ба А. гетероауксин ва ҳосилаҳои он наздиканд. А. дар қисми навруста ва тезсабзи растаниҳои дарачаи олӣ (дар нуқтаи рушди поя, пӯги реша, баргу муғча ва ғ.) ҳосил мешаванд ва ҷараёни ҳаракати моддаҳои ғизоиро аз диг. қисмҳои растаниҳо ба қисми сабзишёбанда метезонанд. А. қобилияти бо реша ба боло ва бо поя ба поён ҳаракат кардан доранд. А. дар бофтаи растаниҳо дар ҳолати озод ё пайваст дучор мешаванд. Танҳо А.-и озод аз ҷиҳати биологӣ фаъоланд ва дар растаниҳо бо фитогормонҳо (*гиббереллинҳо* ва *кининҳо*) ва инчунин маҳсули мубодилаи моддаҳо таъсири тарафайн мерасонанд. Механизми таъсири онҳо мураккаб буда, пурра омӯхта нашудааст. Тахмин мекунанд, ки А. биосинтези баъзе ферментҳоро, ки дар ҳосилшавии компонентҳои таркиби деворaи ҳуҷайраҳо иштирок мекунанд, метезонанд, ё ба комплексҳои ноустувори кислотаи рибонуклеинӣ дохил шуда, тақсимшавии ҳуҷайраҳоро ба тартиб меандозанд. Баъзе моддаҳои органикии синтезӣ (мас., кислотаи β-индолил-равғанӣ) низ ба монанди А. таъсир мерасонад. А.-ро дар растанипарварӣ барои тезондани рушди растаниҳо истифода мебаранд. Ниг. низ *Танзимкунандаи рушди растаниҳо.*

АУКЦИО́Н (лот. auctio — фурӯши озод дар бозори умумӣ), м а з о д, фурӯши мол бо усули «кӣ зиёд». Дар А. моли фурӯхташаванда (мӯина, чой, тамоку ва ғ.) ё намунаи он ба намоиш гузошта мешавад. Ҷой ва вақти гузаронида шудани А. пешакӣ муайян карда шуда, шартҳои умумии фурӯши молро фурӯшанда муайян менамояд. Дар СССР аз с. 1931 дар Ленинград бо ташаббуси ширкати «Союзпушнина» ҳар сол А.-и байналхалқии мӯина ва дар Москва А.-и асп гузаронида мешавад. РСС Тоҷ., дар А.-и байналхалқии мӯина пӯсти гӯсфанди қарокӯлӣ ва нутрия мефурӯшад.

АУЛ Йозеф (1894—1956), духтури чех. Дар аввали ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Бухоро меояд. Чун табиби ҳозиқу донишманд зуд дар байни мардум обрӯ ва эътибор пайдо мекунад. С. 1918 бо шоири тоҷик Пайрав Сулаймонӣ шинос шуда, забони тоҷикиро мустақилона меомӯзад ва ҳамроҳи корвон ба Афғонистону Ҳиндустон рафта, бо он роҳ ба ватанаш баргаштааст. Баъди озод шудани Чехословакия (1945) А. дар ташкили ҳифзи тандурустии халқ хизматҳои шоён кардааст. А. ба адабиёт низ шуғл дошт. Баъзе асарҳои ӯ ба таъриҳи халқҳои Осиёи Миёна бахшида шудаанд («Дар кишвари Темурланг» ва романи «Дарвеш дар биёбон», 1937). Ҳангоми видоъ Пайрав чанд шеъри худро (якаш ба худи А. бахшида шуда буд) ба ӯ додааст, ки А. ба чехӣ тарҷума карда ба табъ расондааст.

Ад.: Бечка Иржи, Ёддошти як адиб ва олими чех дар бораи Пайрав Сулаймонӣ, дар кит.; Пайрав Сулаймонӣ, Девон, Д., 1971. *В. Г. Белан.*

АУРИПИГМЕ́НТ (лот. aurum—тилло ва pigmentum — ранг), минерал. Ниг. *Зарних.*

АУСКУЛЬТА́ЦИЯ (лот. auscultatio — истимоъ, шунидан), усули шунавидани садоҳои (оҳанг, ғулғула, соиш ва ғ.) кори узвҳои бадани инсон ва ҳайвон бевосита бо гӯш ё ба воситаи асбобҳои махсус — стетоскоп, фонендоскоп, стетофонендоскоп. А.-ро духтури франсавӣ Р. Лаэннек с. 1819 дар амалияи тиб ҷорӣ намудааст. А. дар тиб ва ветеринария яке аз усулҳои муҳимтарини ташхиси беморихои узвҳои нафас, гардиши хун ва ғ. мебошад. Бо ихтироъ шудани ҷиҳозу олотҳои электрикӣ ва акустикӣ (савтӣ) усули А. такмил ёфта, моҳияти ташхисии он афзунтар гардид.

АУТСАЙДЕРҲО́ (англ. outsider — бегона), корхонаҳои капиталистӣ ва ширкатҳо, ки бо ин ё он сабаб ба иттиҳодияҳои монополӣ дохил намешаванд. Иттиҳодияҳои монополистӣ ба муқобили А. усулҳои гуногуни муборизаи шадиди рақобатӣ бурда, онҳоро аз ашёи хом, нақлиёт, қувваи корӣ, бозор, кредит, акция ва патентҳо маҳрум менамоянд. Дар давраи ҳозира А. зоҳиран мустақил буда, дар асл мутеи монополияҳоанд.

АФА́ЗИЯ (аз *а...* ва юн. phasis — гуфтан, ган задан), л о л ӣ, вайрон шудани қобилияти гапзанӣ ва талаффуз. Дар натиҷаи А. қобилияти фикрро бо гап фаҳмондан, онро фаҳмида гирифтан ва бо ягон предмет ё ҳодисаҳои маълум алоқаманд намуда донистан, вайрон мешавад. А. дар беморони бо дасти рост коркунанда аз осеби қисми муайяни қишри нимкураи чапи мағзи сар ва дар беморони бо дасти чап коркунанда аз осеби қисми муайяни қишри нимкураи рости мағзи сар рӯй медиҳад. Ҳелҳои асосии А. инҳоанд: А.-и ҳ а р а к а т ӣ (таҳрикӣ) — маъноии гапро фаҳмида, гап зада натавонистани бемор; А.-и с е н с о р ӣ (эҳсосӣ) — нофаҳмида сафсатта гуфтан, гапи дигаронро нафаҳмидан ва фаромӯш кардани предметҳо. А. бештар дар натиҷаи кафидани раги хуни майна, илтиҳоби мағзи сар, *энцефалит, думбал* ва ғ. сар мезанад.

М у о л и ҷ а: рафъи бемории асосӣ ва таълими логопедӣ (гапомӯзӣ).

АФАНА́СЬЕВ Фёдор Афанасьевич (тахал. О т е ц, О с е ц к и й, И в а н о в) (20.2. 1859, губ. Петербург — 4. 11. 1905), коргари революционери рус. Аз оилаи деҳқон. С. 1871 дар мануфактураи Крепгольм, с. 1887 ф-каи Воронини Петербург кор карда, бо революционерон шинос шуд. С. 1891 А. дар маёвкае, ки худаш яке аз ташаббускорони он буд, нутқ эрод кард. Ин нутқ дар хорича ва Россия чоп шудааст. С. 1894 А. дар Петербург кори пинҳонӣ мебурд, дар кружоки коргарони заставаи Нева, ки ба он В. И. Ленин роҳбарӣ мекард, иштирок намуд. Февр. 1896 ӯ барои муттаҳид намудани ташкилотҳои социал-демократии Иваново-Вознесенск, Рига, Павлово-Посад, Шуй хизмати босазое кард. Ӯро с-ҳои 1892, 1895 ва нояб. 1903 барои кори гурӯҳи РСДРП дар Иваново-Вознесенск ҳабс карданд. С. 1905 А. ҳамроҳи М. В. Фрунзе яке аз ташкилотчиён ва роҳбарони корпартоии Иваново-Вознесенск буд. А. ҳангоми митинг дар соҳ. д. Талга аз тарафи сиёҳгурӯҳчиён ва казакҳо кушта шуд.

АФАНДӢ, шакли туркии «аутентиос»-и юнонист, ки маъноии «ҷаноб» ва «ого»-ро дорад. Дар а-ҳои 11—12 А. ба сифати калимаи эҳтиромии муроҷиат нисбат ба мард ба забони гуфтугӯй ва аз а-ҳои 14—15 ба забони адабии туркии усмонӣ дохил гардид. Дар а. 19 бо номи Насриддин Афандӣ чун қаҳрамони латифаҳои туркӣ дар байни халқҳои Осиёи Миёна паҳн шуд. Баъдтар мухтасаран бо номи А. дар қатори Ҳоҷа Насриддин, Мулло Мушфиқӣ ва ғ. қаҳрамони ла-

тифаҳои халқии тоҷикӣ қарор гирифт. Процесси эҷоди латифаҳои халқии дорои мазмуни замонавӣ бо номи А. имрӯз ҳам давом дорад. Аз баски А.-и латифаҳои халқӣ бо гуфтору рафтори зоҳиран соддалавҳонаи худ нуқсонҳои ҷамъияти синфӣ ва намояндагони онро фош мекард, калимаи А. дар забони тоҷикӣ маъноии гӯлу соддалавҳро низ гирифтааст.

С. Маҳдиев.

АФВ (ар. عفو — бахшидан), пурра ё қисман аз ҷазо озод намудани шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, кам кардани мӯҳлати ҷазо ё бо ҷазои нисбатан сабук иваз намудани ҷазои муқарраркардаи суд, инчунин бардоштани доғи судӣ аз касоне, ки пеш маҳкум шуда, мӯҳлати ҷазоро адо кардаанд. А. умумӣ ва ҷузъӣ мешавад. А.-и умумӣ ба ҳамаи шахсоне дахл дорад, ки ҷиноятҳои содиркардаи онҳо дар моддаҳои муайяни КҶ пешбинӣ шудаанд. Дар айни ҳол шартҳои диг. қарори оид ба А. риоя карда мешавад. А.-и ҷузъӣ афвест, ки ба шахсони ҷудогона дахл дошта, дар шакли бахшоиши гуноҳи онҳо татбиқ мешавад. А. ба ҷиноятҳое дахл дорад, ки то баровардани қарор оид ба А. содир шудаанд. А. фақат ба ҳамон ҷиҳатҳое татбиқ мешавад, ки дар қарори оид ба А. номбар шудаанд. Мувофиқи Конституцияи СССР актҳои умуминиттифоқӣ дар бораи А.-и умумӣ дар ихтиёри Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалисти буда, онро органҳои олии ҳокимияти давлатӣ ва органҳои идоракунии давлатии вай татбиқ мекунанд. Президиуми Совети Олии СССР ҳуқуқи афвкунӣ дорад. Органҳои олии ҳокимияти давлатии Республикаҳои иттифоқӣ ба ҳуқуқи А.-и умумӣ ва А. кардани граждан ҳое, ки органҳои судии Республикаи иттифоқи маҳкум кардаанд, молик мебошад (мод. 121 пункти 11, Конституцияи СССР, мод. 28 пункти «ж» Конституцияи РСС Тоҷ.). Аз рӯи таҷрибаи амалии солҳои охир А.-и умумиро Республикаҳои иттифоқӣ татбиқ намекунанд. Дар А. гуманизми сохти социалистӣ ифода меёбад. Ҳокимияти Советӣ якчанд бор А. эълон кардааст. Одатан, А. дар ҳаққи шахсони ҷиноятмаҳсусан вазнин содиркарда, рецидивистҳо (такроркунандагони ҷиноят) ва шахсоне, ки дар ҳабсхонаҳо тартиботи муқарраршударо вайрон мекунанд, татбиқ карда намешавад.

АФЕЛИЙ (юн. αφέλιος — Офтоб), нуқтаи аз Офтоб дуртарини мадори сайёра, комета ва ё ягон ҷирми диг., ки гирди Офтоб мегардад. Замин дар ҳаракати солонаи худ дар гирди Офтоб аз А. аввали июль мегузарад.

АФЕЛИНУС (Aphelinus mali), ҳашароти паразити пардабол, аз оилаи хальцид (Chalcididae). Дарозиаш 1,2 мм. Дар Америкаи Шимолӣ паҳн шудааст. Ба СССР с-ҳои 1926—30

Тухмгузории афелинус ба бадани ширинчаи хунин

оварда, дар лаборатория аиёд ва мӯътодонида шудааст. А.-ро барои мубориза бо ширинчаи хунин истифода мебаранд. А.-и мода ба ширинча тухм мегузорад ва минбаъд инкишоф ёфта, онро ҳалок мекунад. А. дар як сол 6—9 маротиба (ҳар дафъа то 80—120 дона) тухм мегузорад. Ба ҳар га себзори ширинча пайдошуда то 1500—2000 А.-ро сар медиҳанд. А.-ро ба Тоҷикистон с. 1948 оварданд ва барои пест кардани ширинчаи хунин истифода бурданд.

Ад.: Нарзикулов М. Н. Вредители садов и меры борьбы с ними, Д., 1952.

М. Н. Нарзиқулов.

АФЗАЛ МАХДУМИ ПИРМАСТӢ افضل مخدوم پیرمستی (с. тав. номаълум — ваф. 1915, Бухоро), шоир ва тазкиранависи тоҷик. Баъди хатми мадраса нучум, тиб ва рамлро (фолбиниро) омӯхтааст. А. М. П. такрибан с. 1900 ба хидмати дарбор даромада, бо супориши амир Абдулаҳад (1885—1910) ба тазкиранависӣ пардохт. С. 1904 тазкираи «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро ва-л-ашъор»-ро ба итмом расонид, ки мухтасараи «Афзал-ут-тазкор» меноманд. Аз мероси А. М. П. тазкираи мазкур ва баъзе ғазалу қасидаҳо боқӣ мондаанд. Тазкираи А. М. П. ба муқобили адибони пешқадам ва мухолифони тартиботи аморат (Дониш, Шоҳин ва ғ.) нигаронида шуда, ақидаҳои иртиҷоии доираи ҳукмрони давраи мусаннифро ифода мекунад.

Ад.: Ҳ а л и-з а д е Р., Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX в., Сталинабад, 1956.

С. Сиддиҳов.

АФЗАЛУДДИНИ КОШОНӢ افضل الدین کاشانی Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Муҳаммад, маъруф ба Бобо Афзал (с. тав. номаълум, Кошон — ваф. такр. 1276, ҳамон ҷо), файласуф ва шоири форс-тоҷик. Асарҳои муҳимми фалсафии ӯ — «Минҳоҷ-ул-мубайин», «Мадориҷ-ул-камол» «Роҳи анҷоми нома», «Арзнома» ва «Ҷовидоннома» дар маҷмӯае гирдоварӣ шуда, бо унвони «Мусаннифоти Афзалуддини Кошонӣ» (Теҳрон, 1953) ба табъ расидаанд. А. К. дар фалсафа пайрави *машшоия* буда, мисли Ибни Сино ва Ибни Рушд оламро қадиму абадӣ медонад. А. К. ҳаракат ва маконро азалию абадӣ ва ба модда зич алоқаманд меҳисобад. Ӯ бар хилофи мутакаллимон (ниг. *Калом*), ки ҷисмҳои осмониро рӯҳонӣ меҳисобиданд, тамоми оламро моддӣ, гуногунии ашёи онро ба ҳаракат, оромӣ ва сифоти онҳо вобаста медонад. «Бояд донист, ки — навишта буд ӯ,— гавҳари аҷзои олам як гавҳар аст... ва ҷумлаи олам як ҷисм аст, ҳар порае аз вай ба ранге ва ҳоле» (Мусаннифот, саҳ. 161—162). Ғояи ягонагии моддии олам аз фарзияҳои дохиёнаи А. К. аст, ки илми муосир ин нуктаро ба куллӣ исбот кардааст.

Дар ақоиди фалсафии А. К. тамоюли материалистӣ хеле қавист. Вале мутафаккир ин тамоюлро суботкорона давом надода, дар шарҳи баъзе масъалаҳои муҳимми фалсафӣ ба идеализм моил шудааст: гарчи тамоми оламро моддӣ медонад, рӯҳниёту мафҳумҳои куллиро асоси олам, нафси нотиқа (шуур)-ро чеҳараи рӯҳонии мустақилзот (новобаста ба тани инсон) шумурдааст.

Ноустуворӣ ва бесуботиҳои А. К. дар назарияи маърифати ӯ ҳам зоҳир мешавад. Ӯ ба донистани олам эътиқод дошт ва таъкид мекард, ки маърифат донистани моҳияти ашёё ва ҳаводис аст. Моҳияти ашёё ва ҳодисаҳо ба туфайли дар ҳисҳо ва ақлу зеҳни инсон мутамассил (инъикос) шудани онҳо дониста мешавад. Вале инсон ашёё ва ҳодисаҳои оламро на якбора, балки зина ба зина (аввал ҳастии онҳо, сипас сифатҳояшон ва баъди он моҳияташонро) медонад (Мусаннифот, саҳ. 49—50). Ин ақида яке аз фарзияҳои муҳимми диалектикии ӯ буда, ба ақидаҳои Насируддини Тӯсӣ басе наздик аст. Вале А. К. таносуби дониши ҳиссию аклӣ, иктисобию ғайриктисобиро дуруст муқаррар карда натавонистааст. Вай дониши ғайриктисобиро асоси тамоми донишҳои инсон пиндошта, ба идеализм майл кардааст. Аммо маълум аст, ки дониши инсон дар ибтидо ҳаргиз ғайриктисобӣ набуда, балки дар натиҷаи фаъолияти амалии ӯ пайдо шудааст. А. К. баробари баёни масъалаҳои муҳимми фалсафаи асрҳои миёна кӯшидааст, истилоҳоти фалсафии забони форсиро такмил диҳад; саъй намудааст, ба ҷои истилоҳоти арабӣ ҳар чи бештар истилоҳоти форсиро ҷорӣ намояд. Аз ин нуқтаи назар осори ӯ дар инкишофи забони адабии форсӣ-тоҷикӣ нақши бузурге боқӣ гузоштааст.

А. К. яке аз рубоисароёни тавоно ба ҳисоб меравад. Дар таълифоти бадеии А. К., хусусан дар рубоёту ғазалҳояш танқиди беадолатиҳои замон, рӯҳниёни риёкор, зулму золимӣ мавқеи хос дорад. Як қисми рубоиёти ӯ дар рӯҳияи *исмоилия*, қисми диг. дар равиши *тасаввуф* таълиф шудаанд. Дар баъзе аз сурудаҳои А. К. таълимоти расмии дин оид ба ҳилқати оламу зоти худо зери шубҳа гузошта шудааст, ки намунааш ин рубоист:

Ҳам сирри ҳақиқиву ҳам кони саҳо,
Дорам суҳане ба ту ҷавобаш фармо:
Гӯянд, «Худо буду дигар ҳеҷ набуд»,
Чун ҳеҷ набуд, дар куҷо буд худо?

М. Диноршоев.

АФЗАЛУДДИНИ ФАЗЛУЛЛОҲ افضل الدین فضل الله ибни Рӯзбеҳони Исфа-

ҳонӣ (1457 Хунчи Эрон — 1520, Бухоро), олим, нависанда ва шоир. Аз оилаи амалдори исфаҳонӣ Ҷамолуддин ибни Рӯзбеҳон ибни Фазлуллоҳ ибни Муҳаммади Хунҷӣ. Давраи бачагию ҷавонӣ ва илмомӯзиашро дар Шерозу Исфаҳон гузаронида, дар синни 17-солагӣ ба Ҳиҷоз меравад ва баъди такмили илм борҳо дуюм Маккаро (1482) саёҳат намуда, он ҷо Қуръон ва адабиёти арабро меомӯзад. Дар ташаккули ҷаҳонбинии А. Ф. таъсири эҷодиёти муаррих ва забоншиноси миср Шамсуддин Муҳаммад ас-Сахавӣ хеле калон аст. Пас аз сафари Макка ба Шероз баргашта «Ҳалли таҷрид» ва дар пайравии Ибни Сино ва файласуфи а. 12 Ибни Туфайл оид ба тарзи давлатдорӣ «Бадеъ-уз-замон фи қиссат Ҳай ибн Яқзон» («Аҷоиботи замон дар қиссаи Ҳай ибни Яқзон» (1490) ном асарҳояшро эҷод мекунад. А. Ф. чанд муддат дар дарбори Султон Яъқуби Оққуюнлу вазифаи котиби девонро иҷро карда «Таъриҳи Аминӣ»-ро (1503) менависад. Ин асар бароҳ муайян намудани тарзи давлатдорӣ, муҳити сиёсию иҷтимоии а. 15 ва ибтидои а. 16, равшан намудани сабабҳои кашмакаш ва хунрезиҳои давр маълумоти фаровон ва муфид медиҳад. А. Ф. с. 1503 дар натиҷаи таъқиби исмоилиёни Эрон аз Табрез ба Кошон омада, дар ҷавоб ва бар муқобили «Роҳи ҳақиқат» ном асари Ҳасан ибни Муайяд ал-Ҳуллӣ «Баргаштан аз роҳи хато» (1508) ном асарашро менависад. А. Ф. с. 1503 ба Хуросон, пас ба Бухоро меояд. Эҷоди муҳимтарин асарҳои А. Ф. ба давраи дар Мовароуннаҳр (дар Бухоро ва 4 сол дар Самарқанд) зиндагӣ кардани ӯ рост меоянд. «Меҳмонномаи Бухоро» (1508—09) ва «Сулук-ул-мулук» («Роҳи подшоҳон», 1514) маҳсули ҳамин давраанд. «Меҳмонномаи Бухоро» бароҳ муайян намудани муҳити сиёсии охири а. 15 ва нимаи аввали а. 16, вазъи муҳити адабии он аҳд, зиндагии душвори халқ ва ғ. аҳамияти калони илмӣ дорад. А. Ф. таъриҳ, қитъа ва ғазал низ навиштааст. Асари машҳуртарини А. Ф. оид ба ҳуқуқ «Сулук-ул-мулук» мебошад. Ин таълиф аз 15 боб иборат буда, масъалаҳои давлатдорӣ, таҳсими вазифаҳо, рӯёнидани андоз, ба ҳисоби давлат гузаронидани лавозиматҳо дар натиҷаи ҷанг ба даст омада, қоида ва қонунҳои ҷазоиҳӣ, масъалаҳои муносибат бо яҳудиёну насрониён, маросим, хайру эҳсон ва ғ.-ро дарбар мегирад. А. Ф. ба масъалаҳои мазкур мутобиқи шароити замони худ баҳо медиҳад, аз ин рӯ ҷаҳонбинии ӯ аз маҳдудиятҳои таъриҳӣ холӣ нест. Мероси ӯ, ки аҳамияти муайяни илмӣ дорад, то замони мо омада расидааст.

Ад.: Персидские и таджикские рукописи ИНА АН СССР, т. 1. М., 1964.

У. Назиров.

АФЗАЛӢ Яҳьё (1893, Самарқанд—1928, Душанбе), яке аз иштирокчиёни сохтмони социализм дар Тоҷикистон, ходими партиявӣ. Аъзои КПСС аз с. 1918. Аз оилаи бофанда. С. 1912 ба мактаби усули нав дохил шуд. Баъди Рев. Октябрь ҳаёти худро ба мустаҳкам кардани Ҳокимияти Советӣ бахшида, дар Ӯротеппа, баъд дар Бухороии Шарқӣ (1921) зидди босмачиён қаҳрамонона ҷангид. Партия ӯро ба масъултарин корҳо сафарбар кард. А. дар республикаи Туркистон донишу маҳорати ташкилотчигӣ нишон дода, аз ҷонишини комиссар то ба котиби комитети партиявии шаҳр ва раиси Комиҷроияи ш. Самарқанд (1921—25) расид.

Баъди ташкил ёфтани РАСС Тоҷ. А. дар органҳои партиявии Тоҷикистон кор кард. Дар солҳои охири ҳаёташ котиби Комитети партиявии округи Ҳисор буд. Бо ордени Байраки Сурх ва дигар мукофотҳои давлатӣ сарфароз шудааст.

АФЗОИШ, қобилияти насл дода тавонистани ҳайвонот ва наботот. Таҳсими ҳуҷайра асоси ҳама гуна шаклҳои А.-мебошад. Тарзҳои асосии А.: ғайриҷинсӣ, нашвӣ ва ҷинсӣ. Ҳангоми А.-и ғайриҷинсӣ организм аз як ҳуҷайраи ҷинсаи ба қисмҳо таҳсимнашуда ва ҳангоми А.-и нашвӣ организми нав аз ҷанини бисьёрҳуҷайра ба вуҷуд меояд. А.-и ҷинсӣ аз процесси ба вуҷудоии *гаметаҳо* (ҳуҷайраҳои ҷинсӣ) ва омезиши онҳо, ки дар натиҷа *зигота* — бордоршавӣ ба вуқӯъ меояд, иборат аст. Организмҳо як маротиба ё якчанд маротиба А. мекунанд. Бароҳ организмҳои якҳуҷайра, ки бо роҳи таҳсимшавӣ афзоиш мекунанд ва инчунин бароҳ растаниҳои гулдори як ва дусола А. дар айни ҳол катъи цикли ҳаёти онҳо мебошад. Баъзе растаниҳои бисьёрсола (растаниҳои монокарпӣ), инчунин баъзе намудҳои моҳиҳо низ дар тамоми ҳаёташон як маротиба А. мекунанд.

Дар олами наботот ва ҳайвонот А.-и такрорӣ бештар аст. Ба ҳар як намуд ба таври муайян давом кардани А., ки баъзан вобаста ба шароити зиндагӣ аз ҳад зиёд тағйир меёбад, хос мебошад.

Афзоиши ҳайвонот. А.-и ғайриҷинсии соддатаринҳо бо роҳи ба ду таҳсимшавӣ (ба кӯндалангӣ ё ба дарозӣ) мегузарад. Дигар шаклҳои А.-и ғайриҷинсии соддатаринҳо ҳам маълум аст: ба як чанд ҳисса таҳсим шудан (шизогония) ва ғ.

А.-и нашвӣ шаклҳои гуногун дорад: муҷаронӣ (берунӣ ё дохилӣ), баъзан бо таҳсимшавии организм ба қисмҳои баробар. А.-и нашвӣ ба ҳайвонҳои бисьёрҳуҷайраи дараҷаи паст — исфанҷҳо, рӯдаковокҳо, паҳнкирмҳо, баъзе ҳалқакирмҳо ва ғ. хос аст.

Ҳангоми А.-и ҷинсӣ процесси асосӣ омехта шудани гаметаҳо аст (ниг. *Бордоршавӣ*). Дар натиҷаи А.-и ҷинсӣ дар зигота маҷмӯи хромосомаҳои ҳам падарӣ ва ҳам модарӣ, ки ҳар яке хусусиятҳои ирсӣ доранд, якҷоя мешаванд. Баъзе ҳайвонот (аксари бандпойҳо, хусусан ҳашарот) вобаста ба шароит ҳуҷайраи ҷинсӣ бордор нашуда, афзоиш мекунад. Чунин шакли соддаи А.-и ҷинсиро *партеногенез* меноманд.

Ҳуҷайраҳои ҷинсии нарина ва модина дар ҳайвонот одатан дар ғадудҳои ҷинсӣ (дар нутфадон ва тухмдон) ҳосил мешаванд. Бештари ҳайвонҳои баҳрӣ ва як қатор ҳайвонҳои обҳои ширин ҳуҷайраҳои ҷинсии худро бевосита ба об хориҷ мекунанд ва дар натиҷа бордоршавӣ ба вуқӯъ меояд (кирмҳои ҳалқа-ҳалқа, сӯзанпӯстҳо, моҳиҳо). А.-и дохилӣ нисбат ба А.-и берунӣ мукаммалтар аст, зеро ҳангоми он нутфаи нарина бевосита ба нутфадони модина дохил мешавад.

Афзоиши растанӣ. Бароҳ растанӣ ғайр аз А.-и ҷинсӣ тарзҳои гуногуни А.-и ғайриҷинсӣ ва нашвӣ хос аст. А.-и ғайриҷинсӣ дар аксари растаниҳои дараҷаи паст бо ёрии *спораҳо* ба вуқӯъ меояд.

Афзоиши нашвӣ бо роҳи инкишоф ёфтани наслҳои нав аз узвҳои нашвӣ ё аз қисмҳояшон ба вуқӯъ меояд, ки дар табиат роли калон мебозад ва одам онро бештар истифода мебарад.

Афзоиши ҷинсӣ дар аксари растаниҳо вомехӯрад. А.-и ҷинсӣ хусусан дар растаниҳои дараҷаи паст ҳархела аст (танҳо обсабзҳои сабзи нилгун, аксари занбӯруғҳои дараҷаи паст, ғулсанҳо А.-и ҷинсӣ надоранд). Дар натиҷаи алоқаи ҷинсӣ (коньюгация, изогамия, гетерогамия, оогамия, гаметангиогамия) дар онҳо зигота ба вуҷуд омада, дар ҳолати ороми (дар аксари обсабзҳои сабз, баъзе обсабзҳои бӯр ва дар аксари занбӯруғҳои дараҷаи паст) мондан мегирад ва ё ҳуд тез сабзиш карда, талломи диплоидии нашвӣ (дар аксари обсабзҳои бӯр) ё спораи А.-и ҷинсӣ ҳосил мекунад. Дар занбӯруғҳои ҳалтачадор ва базидиявӣ зиготаи ҳақиқӣ ба вуҷуд намеояд; дар байни ибтидо (омезиши протоплазма) ва интиҳои А. (омезиши ядроҳо) фосилае пайдо мешавад ва баъд аз он аскоспора ё базидиоспора ҳосил мешавад. Дар ушнаҳо узви А.-и ҷинсӣ дар худи он — дар гаметофит (насли ҷинсӣ) ҳосил мешавад. Узвҳои ҷинсии нарина (антеридийҳо) ва узвҳои ҷинсии модина (архегонийҳо)-и баъзе ушнаҳо дар як растанӣ ва дар баъзеи дигарашон дар худи ҳамон растаниҳои гу-

Манорои бод.

тиҳоб мегардид, идора мекарданд. Бо афзоиши тафовуту тазоддҳои иҷтимоию иқтисодӣ муборизаи байни асилзодагон ва демос, ки баробарҳуқуқӣ, тақсимоти баробари замин, барҳам додани қарзҳо ва бекор намудани судхӯриро талаб мекард, шиддат гирифт. С. 527 то м. муборизаи ашрофон барои тоҷу тахт авҷ гирифт, ки ин боиси шӯриши демос гардид. Шӯриш бо роҳбарии Клисфен ғалаба кард ва як қатор ислоҳот гузаронида шуд. Дар натиҷаи ислоҳот боқимондаҳои сохти авлодӣ барҳам хӯрда, процесси пойдоршавии давлат чун аппарати ҳукмрони синфи ғуломдорон ба охир расид.

Нимаи дуюми а. 5 то м. давраи авҷу инкишофи мадании А. буд. Муаррихон, файласуфон, рассомон, шоирон — Геродот, Анаксагор, Фидий, Эсхил, Софокл, Еврипид, Аристофан дар А. зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Санъати сухан хеле инкишоф ёфта буд. Намунаи барҷастаи санъати меъмории — Акрополь буньёд ёфт. Бозьёфтҳои санъати тасвирии а. 5 то м. А. барои чандин насли рассомон намунаи ибрат буд. Баробари ин истисмори ғуломон ва зиддияти шаҳрҳои иттифоқчӣ шиддат гирифта, боиси *ҷанги Пелопоннес* (с-ҳои 431—404 то м.) шуд, ки дар он А. мағлуб гардида, барҳам хӯрд.

Ад.: Колобова К. М., Древний город Афины и его памятники, Л., 1961; Доватур А., Политика и политии Аристотеля, М.-Л., 1965.

Калисои Айн Теодори I.

874

АФИЦИДҲО (лот. aphis — ширинча ва caedo — мекушам), моддаҳои химиявӣ, ки барои маҳв кардани ширинча ба кор бурда мешаванд. Ниг. низ *Пестицидҳо*.

АФКОРИ УМУМ (ар. افكار — фикрҳо ва عموم — ҳама, кулл), вазъи шуури умуми, ки муносибати (пинҳонӣ ё ошкоро) одамонро нисбат ба ҳодисот ва фактҳои воқеияти иҷтимоӣ, нисбат ба фаъолияти гурӯҳҳои гуногун ва шахсони ҷудогона нишон медиҳад. А. у. дар шакли тавсия ва талабот, маъқул ёфтан ё маҳкум кардани амалиёти ин ё он ташкилоти иҷтимоӣ, рафтору кирдори шахсони ҷудогона ё гурӯҳи одамон ифода мегардад. А. у. чӣ дар натиҷаи таъсири мақсадноки ташкилот ва муассисаҳои синфи ба омма ва чӣ ба таври стихияви дар асоси таҷрибаи амалии ҳаёт ва анъанаҳо ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ дар А. у. на танҳо тафовути манфиатҳо, балки гуногунии дараҷаи дарки онҳо низ зоҳир мегардад. Дар ҷамъияти антагонистӣ ду хел А. у.-и ба ҳам муқобил вуҷуд дорад, ки он инъикоси манфиати синфҳои истисморкунанда ва истисморшаванда мебошад. Дар ҷамъияти социалистӣ зиддияти ақидаҳо, ки ғайри антагонистианд, дар асоси умумияти манфиатҳои куллӣ бо роҳи вусъат додани танқид ва худтанқидкунӣ бартараф карда мешавад. А. у.-и ҷамъияти социалистӣ ба муқобили ҳаргуна бадахлоқӣ, беадолатӣ, муфтхӯрӣ, бевиҷдонӣ, шӯҳратпарастӣ, ҳаризӣ муборизаи бурда, воситаи пурзӯри ташаккули ҷаҳонбинии коммунистии меҳнаткашон, ҷалб намудани омма ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, идоракунии процессҳои иҷтимоӣ ва худидоракунии ҷамъиятии коммунистӣ мебошад.

АФКОРИ ҶАМЪИЯТӢ, маҷмӯи ақида, идея, тасаввурот, идеал ва мақсадҳои назариётчиёни ин ё он ҷамъият, халқ, синф, даври муайян. А. ҷ.-ро аз рӯи мундариҷааш (ба афкори ахлоқӣ, иқтисодӣ, фалсафӣ, таърихӣ, динӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғ.) тақсим кардан мумкин аст. Ҳар як шакли А. ҷ. объекти махсуси худ, шакли инъикоси ба худ хоси воқеиятро дорад. Мас., афкори ахлоқии тамоми давраҳо ва халқҳо масъалаҳои хайру шар (некӣ ва бадӣ) ва ғайраро таҳлил ва нормаҳои ахлоқии рафтору муносибатҳои байни якдигарии одамонро муайян мекунад. Аз рӯи роли ҷамъиятиаш А. ҷ. пешқадам (революционӣ), иртиҷоӣ (реакционӣ) ва ғ. мешавад. А. ҷ. ҳамчун инъикоси ҳастии ҷамъият, моҳияти синфӣ (буржуазӣ, пролетарӣ) дошта, ба тараққиёти ҷамъият таъсири фаъолона мерасонад. Назария ва идеяҳои ҷамъиятӣ, ки шароити зиндагии халқ (манфиатҳои иқтисодӣ, талабот, перспективаҳои тараққиёти вай)-ро дуруст инъикос мекунанд, ба қувваи пешбарандаи ҷамъият табдил меёбанд. Пешрафти А. ҷ. на танҳо ба муносибатҳои муайяни ахли ҷамъият, балки ба дараҷаи тараққиёти идеяҳо, назарияҳо, таълимоту тасаввуроти одамон низ вобаста мебошад. *В. Выборнова*

875

АФЛЕСУН, **пӯртахол** (Citrus sinensis), дарахти ҳамешасабзи субтропикӣ аз *судобиҳо*. Баландиаш 4—12 м, тана ва шохаҳояш хорҳои борик дорад. Баргаш дурушти гирдаи нӯктеа, гулаш дучинсаи сафеди хушбӯй, мевааш гуногуншаклу гуногунранг (аз зард то сурхтоби нопинчӣ),

Афлесун: 1 — шохчаи гулдор, 2 — шохчаи мевадор; 3 — буриши мева.

магзаш серширааи ширин ё нордон (200—400 г), 8—12% қанд, 50—65 мг% витамини С, 1,2% туршии лимӯ, 0,2% сафеда, намакҳои минералӣ ва инчунин витаминҳои В, А, Р ва ғ. дорад. Дар пӯсти мевааш то 2% равғани эфир мавҷуд, ки дар атриёт ва қаннодӣ истифода мешавад. А.-ро асосан дар районҳои тропикӣ ва субтропикии аксари мамлакатҳо, инчунин соҳилҳои б. Сиёҳи СССР парвариш мекунанд. Соли 3—4-уми баъди кӯчат мева медиҳад. Дар минтақаи субтропикии Иттифоқи Советӣ навъ-

Пештоки Афина.



876

ҳои районидашудаи А. («Гамлин», «Первенец», «Вашингтон», «Навел», «Королёк 100» ва ғ.) 20—25 т/га ҳосил медиҳанд. Дар Тоҷикистон А.-ро аз с. 1949 дар ҳандаҚҳои Станцияи таҷрибавии растаниҳои субтропикии Вахш парвариш мекунанд. Ниг. низ *Цитруспарварӣ*.

Ад.: Капцинель М. А., Апельсин, М., 1950; Розанов Б. С., Эшонқулов У., Меваҳои гармидӯсти Тоҷикистон, Д., 1973. *У. Эшонқулов.*

АФЛОТУН (افلاطون муарраби Platon—Платон, номи аслиаш Аристокл, 428 ё 427 то м. Афина — 348 ё 347, ҳамон ҷо), файласуфи идеалисти Юнони Қадим. Фалсафаро дар назди Кратил ва *Суқрот* омӯхтааст. Ба Мегара, Миср, Кирена, Италияи Ҷануби ва Сицилия сафар карда, ба комьёбиҳои илмию фалсафии ин кишварҳо шинос шуд; с. 387 то м. ба Афина баргашта, мактаби фалсафии худ — Академияро таъсис кард. Вай ду бори дигар — с-ҳои 367 ва 361 то м. ба Сицилия сафар кард, то ки бо ёрии Дионисии II лоиҳаи сохти давлати идеалии худро ба ҳаёт татбиқ намояд, вале кӯшишҳояш барор нагирифтанд. Солҳои охири ҳаёти А. дар Афина гузаштанд.

Ба А. асарҳои зиёдеро нисбат медиҳанд. Як қисми ин осор ҳақиқатан таълифоти ӯст, вале баъзеашон таснифоти шогирдон ва пайравонаш мебошанд. А. дар асарҳои давраи аввали эҷодиёти худ [«Мадҳи Суқрот», «Протагор», «Рӯбоҳ», «Хармид», «Лахет», «Эвтифрон», «Давлат» (китоби якум)] ба Суқрот пайравӣ карда, бештар ба таҳлили масъалаҳои ахлоқ шуғл варзидааст. Дар давраи дуюми эҷодиёташ вай назарияи ҷавҳарии идеяҳоро эҷод карда, релятивизми софистҳо («Горгий», «Эвтидем») ва фалсафаи *Гераклит*ро («Кратил») ба зери танқид мегирад, таълимоти азалияту абадияти нафсро («Горгий», «Менон») баён мекунад. А. дар давраи камоли эҷодиёти фалсафиаш (с-ҳои 70—60 а. 4 то м.) назарияи идеяҳо ҳамчун ҷавҳари мустақил ва ба зоти худ қоиморо ҳарҷониба инкишоф дода («Федон», «Базм», «Федр», китобҳои 2—10 «Давлат»), масъалаҳои назарияи маърифат («Теэтет», «Менон») ва диалектикаро («Парменид», «Софист», «Тимей») мавриди таҳлил қарор дод. Дар охири ҳаёташ бештар ба таҳлили масъалаҳои моҳияти давлат машғул шуд.

Фалсафаи А. идеализми объективӣ аст. Мувофиқи он на худи ашьё, на олам, балки фақат идеяи онҳо воқеӣ, мустақил, азалӣ ва абадианд. Идеяҳо сабабу манбаи чизҳо ва хосиятҳои онҳо буда, тимсолҳоеанд, ки офаридгори чизҳоро аз рӯи онҳо меофарад ва тамоми мавҷудот ба сӯи онҳо чун ба сӯи хайри олӣ майл мекунад. Ин ба идеализми объективии А. ранги телеологӣ ва динӣ медиҳад. А. тасдиқ мекунад, ки идеяҳо бетағьир ва мутлақ буда, ба шароити замону макон тобеъ нестанд. Олами ашьё мутағайир буда, ҳамеша дар пайдоишу нест шудан аст ва ҳастии воқеӣ надорад. Аз ҳамин сабаб мавҷудияти он, аз як тараф, ба ҳастии воқеӣ, яъне идеяҳо, аз тарафи дигар, ба нестӣ — ба модда вобастааст. Вале аз нуқтаи назари А. «идея» ва «модда» ду мабдаи баробарҳуқуқ ва баробарқувва нестанд. Азбаски, ба ақидаи ӯ «идея» ҳастии ҳақиқию воқеӣ, аммо «модда» нестӣ аст, бинобар ин бе «идея» «модда», вуҷуд дошта наметавонад. Моҳияти идеалистии фалсафаи А. дар таълимоти ӯ доир ба «ваҳдат», «ақл» ва «нафс» низ, ки онҳоро ҷавҳарҳои асосии ҳастӣ мешуморид, бараъло намоён мешавад. Аз ҷумла, ӯ «нафс»-ро табиати ҳақиқии абадию азалӣ ҳисобида, аз ҳама гуна ҷисм бартару муқаддамтар ва манбаи ҳаракати тамоми олам медонист. Чунин таъбири масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки идеализми А. ҷанбаи асотирӣ низ дорад, ки хусусияти тамоми идеализми антиқа аст. Ин ҷанба дар назарияи маърифати А. равшан намоён мегардад. Ӯ исбот карданӣ мешуд, ки дониш на идроки ҳиссӣ, на гумони саҳеҳ ва на гумони саҳеҳи маъҳидор, балки тазаккур, яъне бо ёрии суолу ҷавоб ба ёд овардани донишҳоест, ки нафс дар олами қудс пайдо карда буд. «Пас,—навишта буд ӯ,— инсон... дар бораи чизҳои намедонистааш тасаввури саҳеҳ дорад... Ҳоло онҳо ногаҳон чун хоббинӣ пайдо мешаванд... Бинобар ин ӯ аз касе таълим нагирифта, балки фақат ба саволҳо ҷавоб дода, дониш пайдо мекунад, яъне донишро аз зоти худаш ба даст меорад... Вале аз зоти худ ба даст овардани дониш магар тазаккур нест? Оре... Пас, магар равшан нест, ки ӯ донишҳоро дар ҳаёти имрӯзааш пайдо накарда, балки дар замони дигаре молик шуда ва дониста буд? Оё ин замоне нест, ки вай ҳанӯз инсон набуд?» («Менон», 858—86). А. дониши ақлӣ ва ҳиссиро қоил аст. Дониши ақлӣ аз назари ӯ ду хел мешавад: 1) дониши тафаккурӣ, ки донистани идеяҳои муҷаррад ва мутлақ аст; 2) дониши зеҳнӣ, ки донистани ашьё ва нисбатҳои математикист. Дониши ҳиссӣ, ба ақидаи файласуф, аз «эътиқод» — донистани ашьёи конкретӣ ва «шаҳоҳат» — донистани образи чизҳои конкретӣ иборат аст. Вале хулосаи умумии А. он аст, ки фақат дар бораи идеяҳо дониши ҳақиқӣ пайдо кардан мумкин аст, чизҳои ҳиссӣ танҳо фарзан дониста мешаванд. А. вобаста ба назарияи тазаккури худ диалектикаро методи ба даст овардани дониш мешуморид ва ба ин маънӣ вазифаи онро аз таъин кардани таносуби навъу ҷинси мафҳумҳо ва ба навъҳо тақсим намудани ҷинси онҳо иборат медонист. Вале ин фақат ҷиҳати шаклию мантиқии диалектикаи вай аст. Дар осори ӯ мафҳуми васеътару амиқтари диалектика — диалектикаи ҳастӣ низ мавҷуд аст, ки мазмуни онро таълимот дар бораи робитаи ҳастию нестӣ, касрат ва ваҳдат, айният ва ғайрият, сукун ва ҳаракат, сермаъноии мафҳумҳо ва ғ. ташкил медиҳад.

А. аз рӯи ақидаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва тарбиявию ахлоқӣ идеологи аристократияи ғуломдорӣ буда, сохти ғуломдориро асоси зарурии ҷамъияти комил меҳисобид. Ба ақидаи ӯ ду тарзи сохти ҷамъият вуҷуд дорад: 1) сохти ноқиси (манфии) ҷамъиятӣ ё давлати ноқис; 2) сохти комили ҷамъият ё давлати идеалӣ. Хусусияти асосии давлати ноқис (манфӣ) он аст, ки тамоми рафтору кирдори фуқарои онро ҳоҷатҳои моддӣ муайян мекунанд. «Ин гуна давлат чӣ гунае, ки бошад, дар он ҳамеша ду давлати ба якдигар зид вуҷуд дорад: яке давлати сарватмандон, дигаре — давлати камбағалон» («Давлат», IV, 422). Давлати ноқис, аз рӯи таснифоти А., чор хел мешавад: 1) тимократия — давлате, ки ба ҳукмронии шӯҳратпарастон асос ёфтааст; 2) олигархия — ҳукмронии ақаллияти сарватманд бар аксарияти камбағал; 3) демократия — ҳокимияти камбағалон ва оммаи халқ, ки онро А. (ҳамчун идеологи аристократияи ғуломдорӣ) шакли бади давлатдорӣ мешуморад; 4) тирания — ҳокимияти мутлақи як шахс, ки сохти бадтарини давлатдорист. Аз назари А. ин шаклҳои давлати ноқис, ки паи ҳам аз якдигар сар мезананд, аз принципҳои давлати идеалӣ ҳар чӣ бештар дур шудани идораи ҷамъиятро нишон медиҳанд. А. ҳамаи шаклҳои давлатҳои замонаашро аз ҷумлаи давлатҳои ноқис дониста ба онҳо давлати идеалиро муқобил мегузорад. Давлати идеалӣ, яъне ҳаёлии А. давлатест, ки барои ташкилу ҳимояи худ қувва ва олатҳои кофӣ дорад, ҳама аъзоёни худро муфассал бо неъматҳои моддӣ таъмин карда метавонад, инкишофи фаъолияти маънавӣ ва эҷодии онҳоро идора менамояд ва дорои ҳикмат, мардонагӣ, некандешӣ ва адолат мебошад. Ба ақидаи ӯ принципи асосии ниҳоди давлати идеалиро бояд тақсими қатъию шикастнопазири меҳнат дар байни табақаҳои гуногуни граждани ҳои озод — ҳакимон (файласуфҳо), ҷанговарон, ҳунармандон, деҳқонон — ташкил диҳад. Бинобар ин К. Маркс навишта буд, ки давлати идеалии А. «фақат идеализатсияи афинии сохти табақавии Миср мебошад» (К. Маркс и Ф. Энгельс, Соч.,

изд. 2, т. 23, стр. 379). А. таълимоти тарбияи давлатии бачагон ва граждан-ҳоро пеш ронда, тарафдори таълиму тарбияи граждан-ҳои озод буд. Вале ӯ ба таълиму тарбияи ғуломон комилан зид аст; меҳнати фикриро насиби одамони озод, меҳнати ҷисмониро кори ғуломон медонист.

Дар таълимоти А. идеализм ба ҷаҳонбинии том мубаддал гардида, ба материализм муқобил гузошта шудааст. Бинобар он В. И. Ленин А.-ро асосгузори идеализми Европа номидааст (ниг. Асарҳо, ҷ. 14, с. 141). Фалсафаи А. ва *навафлотуния* ба инкишофи минбаъдаи фалсафаи Шарқу Ғарб таъсири бузурге расонидааст. Аз ҷумла, он яке аз сарчашмаҳои муҳимми фалсафаи ислом — *калом* буд. Ғояҳои А. дар бораи олами идеяҳо ва олами моддӣ, таълимоти ӯ дар бораи «ваҳдат», «ақл» ва «нафс», назарияи тазаккури вай ба рӯҳи ислом бисьёр наздик буданд. Бинобар ин мутакаллимон, аз ҷумла Муҳаммади *Ғазолӣ* ва Фахруддини *Розӣ* онҳоро дар буньёд кардан ва инкишоф додани фалсафаи калом васеъ истифода намуданд. Осори таъсири таълимоти А. дар назариёти *исмоилия, ихвонуссафо* ва *тасаввуф* ба хубӣ ҳувайдост. Ин ҷараёнҳо назариёти ӯро дар бораи олами идеяҳо ва олами ашьё қабул карда, идома додаанд. Аз ҷумла, аҳли ихвонус-сафо дар баъзе рисолаҳояшон исрор мекунанд, ки сурат, шакл ва нақшҳои олами моддӣ тимсол ва шабаҳи суратҳои олами рӯҳӣ мебошанд, олами арвоҳ — олами ҳақиқӣ, олами моддӣ — олами фонӣ аст. Таълимоти сӯфия дар бораи ҳақ ва олами моддӣ чун сояи он низ аз назариёти А. ғизо гирифтааст.

Асосгузорони фалсафаи машшоъ *Кindӣ* ва *Форобӣ* дар баробари таълимоти *Арасту* назариёти А.-ро барои буньёди фалсафии худ истифода бурдаанд. Форобӣ ҳатто кӯшидааст, ки фалсафаи А.-ро бо фалсафаи Арасту бнёмезад ва созиш бидиҳад. Вай ин корро дар асоси муқоисаи осори А. бо «Илоҳиёт» («Усулуҷиё») ном асар, ки дар асрҳои миёна ба Арасту нисбат дода мешуд, анҷом доданӣ шудааст. Вале ҳоло исбот шудааст, ки вай на асари Арасту, балки яке аз қисмҳои «Тосеоти» *Плотин* аст. Ин иштибоҳро *Ибни Сино* ва *Ибни Рушд* то андозае ислоҳ карда, моҳияти идеалистии фалсафаи А.-ро хуб пай бурдаанд. Онҳо назарияи идеяҳои А.-ро сахт танқид намуда, исбот мекарданд, ки мафҳумҳо на моҳиятҳои мустақил, балки инъикоси хосиятҳои ашьёанд. Далели барчастаи ин радди идеализми математикии пифагориён ва А. мебошад, ки дар *«Китоб-уш-шифо»*-и Ибни Сино ба таври мӯътамад баён шудааст. Ибни Сино ва Ибни Рушд бар хилофи А. донишро на тазаккур, балки инъикоси сурати чизҳо дар ҳис, зеҳн, ақл шуморида, ба назарияи маърифат ҷанбаи материалистӣ додаанд. Таъсири назариёти ичтимоӣ ва тарбиявию ахлоқии А. дар таълимоти ичтимоию ахлоқии Форобӣ, Ибни Сино, *Ибни Мискавейҳ*, *Насируддини Тӯсӣ* ва диг. ба назар мерасад. Онҳо ақидаҳои А.-ро дар бораи тақсими меҳнат ва муовинат ҳамчун усулҳои асосии ташкили ҷамъият, гояҳои ӯро дар бораи давлатҳои нақису комил инкишоф додаанд. Дар айни ҳол онҳо бар хилофи А. на идеологҳои аристократияи ғуломдорӣ, балки назариётчиёни салтанати маърифатпарварона ва одилона буданд. Дар асарҳои таърихию фалсафии мутафаккирони Шарқи Наздику Миёна, аз ҷумла Ибни Надим, Қифтӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ ва дигарон дар бораи А. ва фалсафаи ӯ маълумоти ачиб ҳаст. Вале фақат Муҳаммади Шаҳристонӣ дар *«Ал-милал ва-н-ниҳал»* моҳияти фалсафаи ӯро дуруст пай бурда ва муайян кардааст.

Ас.: Соч., т. 1—3, М., 1968—72.

Ад.: Закуев А. К., Философия «Братьев чистоты», Баку, 1961; Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока, М., 1961; Лей Г., Очерки средневекового материализма, М., 1962; Фараби, Философские трактаты, Алма-Ата, 1972; Хамон муаллиф, Социально-этические трактаты, Алма-Ата, 1973; Асмус В. Ф., Античная философия, М., 1976.

М. Диноршоев.

АФЛОТУНИЯ, равияи идеалистӣ дар фалсафа, ки аз таълимоти *Афлотун* сар мезанад. Мазмуни асосии А.— назарияи идеяҳост. А. идеяро чун маҳфуми мантиқии куллию зиндае медонист, ки принцип ва методи идроки ҳар як ашьёро дарбар гирифта, сохти бадеии хос дорад ва ҷавҳари махсус мебошад. Материя барои А. инъикос ва судури идея аст.

Баъди вафоти Афлотун идеяҳои А.-ро Академияи Афлотун (ниг. *Мактабҳои фалсафӣ*) инкишоф медод. Дар а. 1 то м. Посидонӣ дар асоси тафсири «Тимей»-и Афлотун роҳи ба системаи муайян даровардани А.-ро пеша кард. Ин А.-и равоқӣ (стоикӣ) ба илоҳиёти Филон, *гностицизм*, герметизм ва *патристика*и ибтидой, дар а-ҳои 2—3 м. ба таълимоти Нумениӣ такья карда, дуру дароз вуҷуд дошт. Ба муқобили А.-и равоқӣ равияи ба Арасту рағбатдошта баромада дар а. 3 бо ёрии фалсафаи назарӣ ва диалектикаи худ асотири равоқии А.-ро мағлуб сохт. Антиох аз Аскалон бо этикаи стоикӣ дар дохили Академия муборизаи мебурд. Аммонӣ Саккас баъдтар бо услуби Афлотун ва Арасту таълимоте дар бораи олами идеалӣ офарида, таълимот оид ба рӯҳро аз методи натурализми равоқӣ озод кард. Аз а. 1 то м. афлотуниён Арасту ва пифагореизмро истифода карда бо ҳама унсурҳои натурализм, ки дар худи Афлотун низ боқӣ монда, дар давраи эллинизм ба туфайли фаъолияти равоқиён, пайравони эпикуреизм ва шаккокиён мустаҳкам шуда буданд, муборизаи қатъӣ мебурданд. Натиҷаи ин муборизаи се-асра *навафлотуния* (а. 3 м.) буд. Ба фалсафаи асрҳои миёна ва Эҳьё А. дар шакли навафлотуния таъсир расондааст (Августин, Ареопагитикҳо, Иоанн Скот Эриуген, Ибни Рушд, Ибни Гебироль, мактаби Шартр, Экхарт, Николаи Кузанӣ, Плифон, Фичино, Пико делла Мирандола, Ҷ. Бруно). Фалсафаи идеалистии Европаи давраи наву навтарин дар зери таъсири бевосита ё бавоситаи А. инкишоф ёфтааст.

Ад.: История философии, т. 1, М., 1940, с. 249—58.

АФРИКА, материки аз чиҳати бузургӣ дуюмини кураи Замин (баъди Евросиё). Дар Нимкураи шарқӣ воқеъ буда, аз экватор ба Шим. ва Ҷ. то арзҳои субтропикии ҳар ду нимкура тӯл кашидааст. Масоҳ. А. 29,2 млн км² (якчоя бо ҷаз-ҳо 30,3 млн км²). Онро уқ-ҳои Атлантику Ҳинд ва Б-ҳои Миёназамину Сурх ихота кардаанд. А.-ро гардани борики Суэц (120 км) ва кан. Суэц бо Осиё менаҳвандад ва гул. Гибралтар (бараш 14—44 км) аз Европа ҷудо мекунад. Хати экватор қариб аз байни А. мегузарад. Димоғаи аз ҳама шим. А.— Алабёз дар 37°20′ а. ш., димоғаи аз ҳама ҷан.— Сӯзан дар 34°52′ а. ч. воқеанд. Ҷаз-ҳои назди А. дар Ш.— Мадагаскар, Комор, Маскарен, Амирант, Сейшель, Пемба, Мафия, Занзибар, Сокотра; дар Ғ.— Канар, Димоғаи Сабз, Аннобон, Сан-Томе, Принсипи, Фернандо-По ва ғ. Соҳилҳои А. камтар каҷу килебанд. Халиҷҳои калонтарин: дар Ғ. — Гвинея, дар Шим.— Сидра, дар Ш.—Суэц ва Адан. Нимҷаз. калонтарини А.— Сомалӣ.

Рельефи А. якранг аст. Қисми Шим. аз с. б. 200—500 м, ҷанубиаш (ҷанубтар аз 10° а. ҷ.) 1000—2000 м баланд буда, дар А.-и Шарқӣ низ ба 2000 м мерасад. Баландии баъзе массивҳои вулқонӣ 5000 м ва аз он ҳам бештаранд. Ба А. пуштакӯҳҳои зиназина ва суфакӯҳу баландиҳо (Эфиопия, Аҳаггар, Тибести ва ғ.) хосанд, ки дар онҳо лаваҳои фишондашуда қабати базальтиро ба вуҷуд овардаанд. Дар фурӯҳамидаҳои таҳкурсии А. пастхамиҳои Калаҳари, Конго, Чад ҷойгир шудаанд. Дар Шим. Ғ. к-ҳои Атлас ва дар Ҷ. Ш. к-ҳои Аждар воқеанд. Ба ташаккули рельефи А. ҳаракатҳои тектоникии эраи мезозой таъсири калон расондаанд. Қисми шарқии материкро, аз ҳал. Суэц то д. Замбези, пастхамиҳои фурӯрафта бурида мегузаранд, ки дар онҳо Б. Сурх, биёбони Донакил, кӯлҳои А.-и Шарқӣ (ғайр аз Виктория) ҷой гирифтаанд. Қад-қади кафидаҳои қишри замин массивҳои вулқонии ҳомӯшшуда ва амалкунандаи Килиманҷаро (5895 м — нуқтаи баландтарини А.), Кения (5199 м), Рувензори (5109 м) ва ғ. воқеанд.

Африка. Массиви Килиманҷаро.

Африка. Шаршараи Виктория дар д. Замбези.

Сохти геологӣ ва сарватҳои зериземинӣ. А. платформаи қадимӣ буда, ҳудуди он дар Ҷ. то к-ҳои Кап, ки аз чиндоршавии герцинӣ (охирҳои палеозой) ба вуҷуд омадаанд ва дар Шим. Ғ. то к-ҳои Атлас, ки синни альпӣ доранд, мерасад. Ҷинсҳои кристаллӣ ва метаморфӣ (гранитҳо, гнейсҳо, варақсангҳо) дар А.-и Ҷанубӣ ва Шарқӣ, инчунин қад-қади соҳилҳои Б. Сурх ва хал. Гвинея ба рӯ баромадаанд. Синни мутлақи онҳо ба 3,5 млрд сол баробар аст. Ҷинсҳои қадими қисми Шим. А. дар иҳотаи таҳнишастҳои ҷавон барҷастагиҳои алоҳидаро ташкил медиҳанд. Таҳшинҳои баҳрие, ки дар давраҳои байни ордовику аввали карбон, инчунин дар охири табошир ба вуҷуд омадаанд, бештар паҳн гаштаанд. Таҳшинҳои баҳриро таҳнишастҳои континентӣ (регсангҳои Нубия ва ғ.) паи ҳам иваз мекунанд. Дар А.-и Ҷанубӣ, баръакс, дар масоҳати фарохи токембрий пастхамиҳои азими алоҳида — Конго, Калахари ва Карру ҷудо шуда меистанд, ки аз таҳнишастҳои континентӣ — табақаҳои пирьяхӣ, ангиштдор ва ҷинсҳои сурхранг пур шудаанд. Дар А.-и Шарқӣ мавҷуд будани зонаи кафидаҳои калонтарини қишри замин ҷиҳати хоси сохти А. буда, аз Б. Сурх то д. Замбези тӯл мекашад. Дар ин зона Б. Сурх, пастхамии Афар (дар Эфиопия), кӯлҳои А.-и Шарқӣ (ғайр аз кӯли Виктория) ҷойгиранд. Пуштакӯҳҳои лавагӣ (Эфиопия, Кения) ва вулқонҳои амалкунанда (Меру, Ньямлагира ва ғ.) ба ин кафидаҳои қишри замин вобастаанд. Кафидаҳо дар давраҳои неоген — чорумин пайдо шудаанд. Дар А. заминҳои зангбастаи латеритӣ (дар ҷойҳои сернам), шӯрбаста (дар биёбонҳо), инчунин регзор (дар Саҳрои Кабир, Калахари, Намиб) дар давраи чорумин пайдо ва васеъ паҳн шудааст. А. ва махсусан А.-и Ҷанубӣ сарватҳои бои зериземинӣ дорад: конҳои алмос, платина, тилло, мангал, мис, хром (асосан дар РАҶ ва Заир) аҳамияти ҷаҳонӣ доранд. А.-и Ғарбӣ аз маъдани оҳан, боксит, қалъагӣ; А.-и Шимолӣ аз фосфоритҳо ва нефть (Алҷазоир, Либия, Тунис) бой аст.

Иқлим. А.— материки ниҳоят гарм. Ҳарор миёнаи тобистон дар қисми шим. Нимкураи шимолӣ 25°, 30° С (ғарби Саҳрои Кабир то 38°) ва дар қисми ҷан. 25°, 12° С. Дар Нимкураи ҷан. зимистон ҳарор. миёнаи қисми шим. 10°, 25° С, қисми ҷан. аз 30° С зиёд (дар ҷан. ғарбии Калахари). Нобаробарии боришот сабаби гуногунии иқлими А. аст. Иқлими экваторӣ (пастхамии Конго, соҳилҳои хал. Гвинея) ниҳоят нам буда, боришоти солона ба 1500—2000 мм мерасад; ба қадри аз экватор дур шудан, боришоти мавсими тобистонии ҳар як нимкура ба ҳам мувофиқат мекунад ва то 100 мм кам шуда меравад. Боришоти зимистон фақат дар поҳияҳои субтропикии материк ба амал меояд.

Гидрография. Кӯлу дарёҳо дар А. ниҳоят нобаробар ҷойгир шудаанд. Ноҳияҳои наздиэкваторӣ дарёҳои бисьёре дошта, дар Шим. ва Ҷ. майдонҳои азим аз обҳои равон қариб маҳруманд. Материк асосан 5 дарьёи калон дорад: Конго (Заир), Нигер, Замбези, Нил, Норанҷӣ. Конго дарьёи серобтарини А., Нил дарьёи дарозтарини дуньё аст. Ҳавзаи онҳо қариб сеяки масоҳати материкро ташкил медиҳад. Манбаи бисьёр дарьёҳо — борон. Қариб ҳамаи кӯлҳои калони А. дар пастхамиҳои тектоникии паҳнкӯҳи Африкаи Шарқӣ ҷой гирфтаанд. Кӯли калонтарини А.—Виктория буда, фурӯҳамидаи фарохеро ишғол кардааст. Аз рӯи иқтидори захираи энергияи обӣ (700 млн кВт, қариб 20% захираи ҷаҳонӣ) А. пас аз қитъаи Осиё дар ҷои дуюм меистад. Оби бештари дарьёҳо барои обьёрӣ истифода мешавад. Тақсимоти нобаробари об дар бисьёр ноҳияҳои материк таъмини обьёрӣ ва оббарориро душвор мегардонад.

Хок ва набототи А. ба зонаҳо тақсим мешавад. Қад-қади соҳилҳои хал. Гвинея ва пастхамии Конго бешаҳои сернами экваторӣ воқеанд. Бешаҳои анбӯҳи намуди растаниҳояшон гуногун, печактанаю эпифитҳо бисьёранд. Намуди фақат дарахтҳо тақрибан ба 3000 мерасад. Дарахтони қиматбаҳо — сиёҳдарахт, дарахти кола, дарахти хурмо (аз баъзе навъҳои он вино ва равғаи тайёр мекунанд) ва ғ. меруянд; хокаш хокистарранги латеритӣ. Дар Шим. ва Ҷ. дар ноҳияҳои субэкваториюи тропикӣ тобистон боришот зиёд аст, то 35% масоҳати қитъаро саваннаҳои бӯрхоки сурхчатоб, бешаҳои камдарахт ва буттазорон пӯшондаанд. Замини биёбонҳои тропикӣ (Саҳрои Кабир, Калахари) регзор ва санглох аст, пабототаш аз растаниҳои хушкидӯсту суккулентҳо иборат. Ба иқлими Саҳрои Кабир гиёҳҳои хӯшадори бебарг, буттаҳои паст хосанд. Дар саваннаҳо гиёҳҳои хӯшадор ва дарахтони калон

Африка. Воҳаи Тимимун дар қисми алҷазоирии Саҳрои Кабир.

рамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ алоқаманд месозанд, дигарон бо д. Сиёб. Дар адабиёти тоинқилобии рус А. бори аввал дар ҳисоботи К. Ф. Бутенев ва Ф. Богословский (1841), инчунин дар асари Н. В. Ханыков (1843) дучор мешавад. Ҳафриёти нахустини А.-ро с. 1874 майор Барзенков гузаронид. С. 1885 бостоншинос Н. И. Веселовский ба омӯзиши илмии А. ибтидо гузошт. Тадқиқоти якҷояи В. В. Бартольд ва В. Л. Вяткин с. 1904 бо натиҷаи хуб анҷом ёфт. С. 1912 В. Л. Вяткин ва с. 1919 М. Е. Массон дар А. қасри Сомониёнро, ки гаҷкорӣ карда шудааст, тадқиқ намуданд. Ин кор то с-ҳои 1925—30 аз тарафи В. Л. Вяткин давом дода шуд. С-ҳои 1945—48 ҳафриёти А. ба ӯҳдаи А. И. Тереножкин гузошта шуд. Ӯ стратиграфияи қабатҳои бостонии А.-ро тартиб дод. С. 1958 яке аз дастаҳои археологии АФ РСС Ӯзб. зери роҳбарии В. А. Шишкин ба омӯзиши А. шурӯъ намуд. С. 1966 А. ҷои кӯруқ эълон гардид ва зери назорати байналхалқӣ гирифта шуд. Ҳоло омӯзиши археологии А.-ро гурӯҳи калони экспедицияи Ин-ти археологияи АФ РСС Ӯзб. давом медиҳад. Дар канори шим. А. осори девори а-ҳои 6—5 то м. дарёфт шуд, ки таҳкурсии он похсагӣ буда, аз хиштҳои ҳоми ростқунҷаи 49 × 26 × 10 см бино ёфтааст. Аз самти шарқии А. канал ва аз самти шим. он сардоба пайдо шуд. Осори шаҳри атиқӣ дар мавзеи гуногуни А. мушоҳида гардидааст ва онро ба Мароқанди муаллифони юнонӣ, ки дар тасвири лаҳзаи муборизаи шиддатноки суғдиён бо Искандари Мақдунӣ (329 то м.) борҳо ёдоварӣ намудаанд, айният медиҳанд. Куҳандизи атиқӣ ба «Шаҳри болоӣ» рост меояд. Аз самти шим. А. истеҳкоми замони атиқӣ низ ошкор гардид, ки аз хиштҳои чоркунҷа бино ёфта, бурҷ ва тиркашҳо дорад. Дар А. вайронаи хонаҳои истиқоматӣ ошкор гардидаанд, ки дар он ҷо зарфҳои нафиси кулолӣ — соғарҳои поядор, ҷому гулдон, коса ва хумҳои азимҷусса ёфт шуданд. Тамоми масноъоти кулолӣ ба зарфҳои олами эллинӣ шабоҳат доранд. Дар А. инчунин асбоби ороиши занона, ангуштарин-мӯҳр ва пайконҳои биринҷӣ бисьёр дучор шудаанд. Махсусан бозьёфти тангаи мисини Антиохи I Сотер, ки дар а. 3 то м. волии Осиёи Миёна буд, ҷолиби қайд аст. Нашъунамои ҳаёт дар А. ба даврае Кушону Суғд (а. 1 то м.— асрҳои аввали м.) рост меояд. Осори биноҳои бошукӯҳи маҳалли истиқоматӣ, устохонаҳои сершумори ҳунармандӣ маҳсули ин даврааند. Дар наздикии мазори Хӯҷа Дониёр маҳаллаи кулолон ва оҳангарон воқеъ гардида буд. Дар маҳалли яке аз биноҳои истиқоматӣ оташкадае, ки хеле вақт амал кардааст, ёфт шуд. Бисьёр ҳайкалчаҳои гилин ба даст омадааст, ки олиҳаҳоро таҷассум ва симои этникии аҳолии ҳамон давраро инъикос менамояд. Аз бозьёфтҳо пайконҳои оҳанин, ғулаҳои сангин, заррҳои сафолии сурхчатоб, лавозими мукотибот, ки ҳама аз устухонанд, порчаи зарфи навиштаи суғдидор, ангуштарин-мӯҳр, ки дар он ҷанги тан ба тани сарбозон тасвир ёфтааст ва ғ.-ро метавон ном бурд. Аз ҷумлаи бозьёфтҳои подшоҳи А. 1466 тангаи нуқрагинро, ки дар ниманаи аввали ҳазорсолаи 1 м. дар муомилот буд, метавон зикр намуд. Ҷӯйбори сурбии Арсиз, ки аз рӯдхонаи Даргом бароварда шудааст, ҳамчунин ба даврае нашъунамои А. тааллуқ дорад. Шаҳри А. бо мамолики Шарқу Ғарб равобити тиҷоратӣ дошт, ки бозьёфти масноъоти шишагини Румӣ ва ҳуччатҳои аз Хутан ёфтшудаи суғдӣ далели равшани он аст. Дар даврае ибтидои сохти ғуломдорӣ ва ибтидои ташаккули муносибатҳои феодалӣ масоҳати шаҳр як андоза хурд шуд. Мас., девори а-ҳои 4—6 танҳо як қисми шаҳрро фаро гирифта буд. Дар а-ҳои 6—7 Самарқанд ҳамчун пойтахти Суғд ёдовар шуда, Суғдро ҳокимони маҳаллӣ — ихшидҳо идора менамудаанд. Аз охири а. 6 он ба ҳайати Ҳоқонии туркҳо дохил гардид. Дар ин давра А. бо ду ҳалқаи девор ва наҳр иҳота ёфта, дар чор самти он дарвозаҳои Бухоро, Чин, Кеш ва Навбаҳор воқеъ гашта буд. Дар қисми марказии А. маҳалли ашрофнишин ҳафриёт шудааст, ки симои шаҳри а-ҳои 6—7 ва сабки меъмории онро пурра таҷассум месозад. Қасри ихшидҳои суғдӣ намунаи беҳтарини санъати меъмории қадим мебошад, толорҳои ороста ва долонҳои он бо нақшу нигори дилчасп оро дода шудаанд. Манзараи ташрифоти тантанавӣ, қабули сафиронро аз тарафи ихшид Варҳуман, лаҳзаи шикор ва инъикоси офатҳои табиӣ аз намунаҳои беҳтарини расмҳои рӯи девории қаср буда, аз маҳорати баланди санъати сабки суғдии нақкошӣ гувоҳӣ медиҳанд. Дар самти шарқии А. устохонаҳои оҳангарон ва кулолон бо хумдонҳо кушода шудааст.

С. 712 шаҳрро қӯшуни арабҳо ишғол намуд. А. а. 8 арсаи муборизаи пуршиддати зидди истилогарон буд. Аз а. 9 А. ба ҳайати давлати Сомониён дохил шуд. А-ҳои 9—10 даврае нашъунамои А. ба ҳисоб меравад. Шаҳр бо девор иҳота ёфта, чун пештара дарвозаҳои Бухоро, Шарқӣ, Оҳанин ва Навбаҳор дошт. Дар куҳандизи қисми шим. шаҳр қаср ва зиндон воқеъ гардидааст. Ду дарвозаи он рӯ ба Ш. ва Ғ. воқеъ шудаанд. Сокинони А. аз оби ҷӯйбори сурбии қадимӣ, ки даруни новаҳо насб ва аз болои ҷариҳо вориди растаю бозорҳои шаҳр мешуд, истифода мебурданд. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои а. 10 шаҳр хеле ободу хуррам ва серодам буд, хиёбони шаҳр бо муҷассамаҳои кандакорӣ оро ёфта, ҳавзҳои сершумори он салқинӣ ва ҳаловат мебахшиданд. Масҷиди ҷомеъ, қасри ҳокимони сомонӣ, ибодатхонаҳо, кӯшкҳо ва корвонсаройҳо ёфт шудаанд. Атрофи А., махсусан қисми ҷанубӣ ва ғарбии он чун маҳалли тиҷоратию ҳунармандӣ қарор гирифта, якҷоя бо работҳо, боғот ва киштзорҳояш бо девори муҳофизатие ба унвони «Девори қиёмат» иҳота гашта буд. Ҳангоми ҳафриёти қасри Сомониён дар ҷанубу ғарбии маҳаллаи Асфизор толорҳо ёфт шуданд, ки гаҷкорӣ карда шудаанд. Ҳоло дар самти шим. қаср харобаи масҷиди ҷомеъ кофта мешавад, ки зери он маъбади тоисломӣ ҷойгир буд. Масҷиди даврае Сомониён шакли чоркунҷа дошта, қаду бараш 80 м ва меҳроби он гаҷкорӣ буд. Дар аҳди Қарохониён масҷид бакуллӣ аз нав сохта шуд. Дар он осори сӯхтор мушоҳида шуда, сипару зирех ва ҳар гуна яроқ ёфт шудааст. Ҳангоми ҳамлаи қӯшунҳои Чингизхон масҷид такьягоҳи охирини шаҳриён буд. Дар маркази А. маҳаллаи ҳунармандон, ки масоҳ. он ба 4000 м² мерасад, ошкор гардид. Дар он бештар аз 15 корхонаи кулолон, ки зарфҳои сирдор истеҳсол менамуданд, дастгоҳҳои гуногун, хумдонҳои мудаввари дутабақа воқеъ гардида буд. Дар қисмҳои гуногуни А. биноҳои истиқоматӣ, роҳу пайраҳаҳои сангфарш, қубури об, обрезу ҳаммомҳо кушода шудааст. Аз охири а. 10 ба муносибати ба ҷануб, ба работ кӯчидани ҳаёти тиҷоратию ҳунармандӣ, қисми марказии А. як муддат беодам монд. Дар а-ҳои 11—12 барои аз сари нав ба маркази маъмурӣ ва иқтисодӣ табдил додани А. баъзе тадбирҳо дида шуд. Марти 1220 Самарқандро қӯшуни Чингизхон муҳосира намуд. Мӯғулҳо пеш аз ҳама А.-ро ба нишон гирифтанд, пас аз вайрон кардани ҷӯйбори Арсиз ва муҳосираи 4-рӯза шаҳр ба дасти душман афтода, бакуллӣ хароб гашт. Пас аз ин Самарқанд рӯ ба Ҷ. инкишоф ёфт ва А. хароб гардид.

Тасвирҳоро нг. дар саҳ. 112—113.

Ад.: Вяткин В. Л., Афрасиаб — городище былого Самарканда, Ташкент, 1927; Якубовский А. Ю., Из истории археологического изучения Самарканда, ТОВЭ, т. 2, Л., 1940; Тереножкин А. И., Согд и Чач, КСИИМК, в. 33, М.-Л., 1950; Массон М. Е., К периодизации древней истории Самарканда, ВДИ, 1950, № 4; История Самарканда, т. 1, Ташкент, 1970; Афрасиаб, в. 1—4, Ташкент, 1969—75; Из истории искусства великого города, Ташкент, 1973; История Самарканда, т. 1, Ташкент, 1973.

Ю. Ф. Буряков.

АФРОШТА́ افراشته Муҳаммадалӣ (1908, Рашт — 6. 6. 1959, София), адиб ва ходими ҷамъиятии Эрон. Аз оилаи деҳқон. Ба баққолӣ, муаллимӣ, артистӣ, ронандагӣ, ҳайкалтарошӣ, мухбирӣ ва ғ. машғул шудааст. Асарҳояш аз с-ҳои 40 дар рӯзномаю маҷаллаҳои демократӣ чоп шу-

даанд. А. муаллифи як силсила ашъори ҳаҷвӣ, инчунин драма ва масалҳост. Ашъори ҳаҷвиаш, ки ба муқобили зулму разолат ва сиёсати нисбат ба Эрон пеш гирифтаи империалистон нигаронда шудааст, дар маҷмӯаи «Ой гуфтӣ» (1945) ба табъ расидааст. С-ҳои 1951—53 А. бо номи «Челонгар» маҷаллаи ҳаҷвие нашр мекард. Солҳои охири умри А. дар Булгория гузаштааст. *А. Афсаҳзод.*

АФРУЗИШ, даргирондани омехтаи сӯзишворӣ дар цилиндрҳои муҳаррики дарунсӯз. Ду навъи А. маъмул аст: А. аз батареяи аккумуляторҳо ва А. аз *магнето*. Ҳангоми А.-и батареявӣ ҷараёни электрикии пастшиддат (16—12 В) аз батареяи аккумуляторҳо ба воситаи калиди А. ба симпечи якуми ғалтаки индуктивӣ меояд. Ҷараёни баландшиддат (12000—15000 В), ки дар симпечи дуюми ғалтаки индуктивӣ ба вуҷуд меояд, ба воситаи ротор ба контакт ва аз он ба шамъи цилиндр дода мешавад. Байни электродҳои шамъ шарора пайдо шуда, А. ба амал меояд. А.-и батареявӣ оғози хуби кори муҳаррикро таъмин мекунад ва бештар дар автомобиль татбиқ меёбад. Ҳангоми А. аз магнето ба батареяи аккумуляторҳо эҳтиёҷ нест. Ин усули А. дар трактор, мотоцикл ва автомобильҳои махсус татбиқ мешавад.

АФСАНТИН, ниг. *Дарманаи румӣ.*

АФСА́Р افسر Муҳаммад Ҳошим Мирзо (1879, ш. Сабзавор — 1940, Машҳад), шоир ва арбоби ҷамъиятии Эрон. Аз оилаи яке аз шоҳзодагони Қоҷор. Забон, адабиёт ва фалсафаи арабро аз худ намудааст. С. 1893 барои иштирок дар муборизаи зидди тартиботи мустабида аввал ба Машҳад ва сипас ба Ашқобод бадарға шуд. Пас аз инқилоби машрутияи Эрон (1905—07) ба Машҳад баргашт ва маҳфилҳои маорифпарварӣ ташкил намуд. Ашъори А. дар девоне фароҳам омадааст, ки 8000 байти лирикию панду ахлоқиро дарбар мегирад. *М. Исломова.*

АФСА́РИ БАҲО́Р افسر بهار 1) оҳанги маъмули маросимӣ-мавсимии наврӯзӣ, ки Борбади Марвӣ дар давраи Сосонӣён тасниф намудааст. Ин оҳанг зебоиҳои табиат, шодию сурури мардумро дар рӯзҳои баҳор ифода мекунад; 2) яке аз гӯшаҳои мусиқӣ дар таркиби «Ҳафтмақом» («Ҳафтдастгоҳ»-и Эрон).

АФСА́РИ САГЗӢ افسر سگزی 1) аз оҳангҳои маросимӣ-наврӯзии давраи Сосонӣён, ки мусаннифаш Борбади Марвист. Дар ин оҳанг бештар ҳолат ва рӯҳияи мардум дар рӯзҳои иду тантана васф мешавад; 2) аз асбобҳои мусиқии тордори қадимӣ. *А. Рачабов.*

АФСАҲ افصح Мулло Мухтор-махдуми Бухорӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик, зоҳиран дар с-ҳои 90 а. 19 вафот кардааст. Қабраш дар Бухоро. Назар ба маълумоти «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ А. пас аз хатми таҳсили улуми расмӣ ба шеъргӯӣ машғул шуда, дар ин соҳа шӯҳрат пайдо кардааст. Ашъори ӯ ба забони соддаи равон эҷод гардидааст. Дар замоне, ки сабки Бедил дар адабиёт таъсири калон дошта, аксари шоирони давр ба он пайравӣ мекарданд, соддабаёниро пеш гирифтани А. шоёни таҳдир аст. Мероси адабии ӯ фароҳам нашудааст, ашъораш дар баёзу таҳкираҳои охири а. 19 ва аввали а. 20 пароканда аст. *Т. Неъматзода.*

АФСОНА́, яке аз жанрҳои асосии эҷодиёти даҳанакии халқ, асари бадеии эпикии бештар насрие, ки сехромезу пурмоҷаро ё маишӣ буда, асосӣ онро воқеаҳои бофтаю хаёлӣ ва тасвирҳои фантастикӣ ташкил медиҳанд. Вале ин ҳол, ки ба хусусиятҳои жанрии А. вобаста аст, ба алоқаманд будани он бо ҳаёти воқеӣ монеъ намегардад. А. дар давраҳои хеле қадим ба вуҷуд омада, на фақат барои дарки шароити зиндагӣ, рӯҳия ва таъриху маданияти давраҳои гуногуни ҷамъияти инсонӣ материал медиҳад, инчунин барои дар рӯҳи меҳнатдӯстию софдилӣ тарбия кардани ҷавонон ва инкишофи донишу ҷаҳонбинии онҳо, муборизаи бар зидди баъзе урфу одатҳои кӯҳна роли муайяне мебозад.

А. навъҳои бисьёре дорад, ки асосӣтаринаш инҳоанд: дар бораи ҷонварон, сехромез, саргузаштию авантюрӣ (моҷарӣ) ва маишӣ. А.-ҳои дар бораи ҷонварон хеле қадимӣ буда бо таъсири ақидаҳои тотемистии одамони қадим ба вуҷуд омадаанд ва баъзеашон хусусиятҳои мифологӣ доранд. Ин навъи А. ба масал, ки низ дорои образҳои рамзию маҷозист, бисьёр наздик аст. Мас., рӯбоҳ ҳамчун рамзи макру фиреб ва найранг, гург аксаран тимсоли ғуливу нодонист. А.-ҳои сехромез қисми муҳимтарини жанри А.-ро ташкил медиҳанд. Ба ин навъи А. образҳои фантастикӣ, типҳои абстрактӣ, ҳодисаҳои аз ақл берун, суханронӣҳои мутантану дабдабанок, формулаҳои махсус, оғозу хотимаҳои мураккаб ва ба таври печ дар печ тасвир намудани воқеаҳо хос аст. Азбаски А.-и сехромез чун А. дар бораи ҷонварон ба ҷамъияти ибтидоии бесинфӣ мансуб аст, дар он низ ақидаю тасаввуроти одамони қадим дар бораи ҳодисаҳои олам, хусусан, сехру ҷоду мавқеи асосиро ишғол менамояд. Вале бо мурури замон дар ин навъи А. муносибатҳои синфии одамон низ нақши худро гузоштаанд. Қаҳрамони ин гуна А.-ҳо одамонеанд, ки зуд ба зоя расида, бо ёрии қувваҳои ғайритабиӣ ва ашьёи сехрнок (аз қабили гилеми ҳавопаймо, аспи болдор, ангуштарин ва ғ.) вазифаҳои азимро иҷро мекунанд. Халқ дар ин А.-ҳо аз орзую омоли худ сухан меронад. Чунин А.-ҳо хусусияти саргузаштӣ доранд, ки «Ҳафт додарон», «Қиличпаҳлавон», «Эраҷи тилисмшикан» ва ғ. аз ин қабиланд. А.-ҳои саргузаштии авантюрӣ (моҷарӣ) бештар нақли саргузашт ва корубори шахсони ҷудогонаанд, дар онҳо унсурҳои сехру ҷоду камтар мушоҳида мешаванд. Қаҳрамонҳояшон одатан ҳушьёру чолок ва соҳибақлу ботадбиранд. Заминаи ин навъи А. асосан шаҳр буда, нисбатан дертар ба вуҷуд омадаанд ва бештар китобианд («Чаҳор дарвеш», «Далла ва Мухтор» ва ғ.). Дар А.-ҳои маишӣ андешаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии одамон равшантар ифода ёфта, масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ бештар муҳокима мешаванд. Амалиёти ин навъи А. дар муҳити муқаррарӣ (ҳавлии бой ё мулло, хонаи деҳқони камбағал ва ғ.) мегузарад. Қаҳрамонони А.-ҳои маишӣ аксаран аз табақаи поёни ҷамъият буда, мушкилиҳои пешомадро на бо ёрии қувваҳои фавқуттабиӣ, балки ба туфайли зиракию ӯҳдабароии худ бартараф месозанд (силсилаи А.-ҳои «Кали айёр»). Дар ин навъи А. ҳаҷв мавқеи калон дорад. Ҳаҷв, хусусан, дар А.-ҳое, ки ба амалиёти Кал ва Кӯса оиданд (подшоҳ, бой, қозӣ ва мулло барин намояндагони ҷамъият масхара карда мешаванд), хеле пурқувват аст.

Таърихи ҷамъоварӣ ва китобати афсонаҳо хеле қадим аст. Пеш аз истилои араб китоби «Ҳазор афсона» фароҳам омада буд, ки он дар а. 9 ба забони арабӣ тарҷума шуда, бо номи «Ҳазору як шаб» дар тамоми ҷаҳон машҳур гашт. Дар асрҳои баъдина баъзе адибон ҳикояву афсона ва латифаҳои халқиро дар маҷмӯаҳо фароҳам овардаанд, ки «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт»-и Авфӣ (а. 13) аз он қабил аст. Ровиёну қиссахонон А.-ҳои зиёдеро дар китобҳои бузурғҳаҷм ҷамъоварӣ кардаанд, ки нусхаҳои зиёди дастнависаш бо унвони «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» дар китобхонаҳои олам маҳфуз аст. Ҷамъоварӣ ва нашри илмии А.-ҳои тоҷикӣ асосан дар давраи советӣ ба роҳ монда шуд («Афсонаҳои халқи тоҷик», 1963; «Афсонаҳои Самарқанд», 1965). А.-ҳои тоҷикӣ ба воситаи «Ҳазору як шаб» ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳон дохил шудаанд.

Ад.: Маъсумӣ Н., Фольклори тоҷик, Сталинобод, 1952; Обидов Д., Баъзе масъалаҳои услуби бадеии афсонаҳои ҳаҷвӣ-маишии тоҷикӣ, «Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон», 1959, № 2 (56); Амонов Р., Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб, Д., 1963; Явич М., Таджикские сказки о животных, 1969.
Д. Обидов.

АФСОНАК (Thermopsis), авлоди растаниҳои бисьёрсола, мансуби *лӯбиёҳо*. Барги сетоғӣ ҷойгиршудаи дарозрӯя, гули зард, ғилофаки бисьёртухма дорад. 20 намуди он дар Ҳимолой, Америкаи Шимолӣ ва дар СССР (6 намудаш дар Сибири Шаркӣ, дар ноҳияи Волгаю Кама) паҳн шудааст. Дар минтақаи альпии ноҳияҳои

Афсонак (шохчаи гулу ғилофакдор).

Помири Шарқӣ, Ҳисору Дарвоз, Зарафшону Тоҷикистони Ҷанубӣ ду намуди А. (T. dolichocarpa, ниг. расм, T. alpina) вомехӯрад. Намудҳои А. аз сабаби термопсин, цитизин, пахикарпин барин алкалоидҳо доштанашон заҳрноканд. Аз барг, поя, тухм ва решаи T. dolichocarpa алкалоидҳои термопсин, цитизин ва пахикарпин, кислотаҳои органикӣ мегиранд. Ҷӯшоб ва ҷавҳари А. дар тиб чун воситаи балғамовар истифода мешавад.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 5, М.-Л., 1937; Юнусов С. Ю., Алкалоиды, Ташкент, 1974. *М. Р. Расулова*

АФТИШИ ҶИСМ, ҳаракати ҷисм дар майдони ҷозибаи Замин ҳангоми ба нол баробар будани суръати аввала. А. ҷ. дар зери таъсири қувваи ҷозиба, ки ба масофаи байни ҷисм ва маркази Замин ва қувваи муқовимати муҳит (ҳаво, об) вобаста аст, ба амал меояд (қувваи муқовимати муҳит ба суръати ҳаракат вобаста мебошад). А. ҷ. ба сатҳи Замин ба гардиши шабонарӯзии Замин (бо суръати кунҷии $\omega = 0{,}0000729$ рад/сон) низ вобаста аст. Агар ғайрикуравӣ будани Замин, таъсири гардиши вай (аз сабаби хурдии ω), инчунин муқовимати ҳаворо ба назар нагирем, ҳаракати маркази вазнинии ҷисми афтанда аз рӯи хати росте ба вуҷуд меояд, ки он ба маркази Замин самт дорад. Ҳангоми А. ҷ. аз баландии нисбатан хурди h ($h \ll R$—радиуси Замин) вобастагии қувваи ҷозибаро сарфи назар аз r ҳисоб кардан мумкин аст. Ҳаракати маркази вазнинии ҷисм бо тезшавии доимӣ g_0 (тезшавии қувваи ҷозиба) ва суръати аз рӯи қонуни

$$v = \sqrt{2g_0x} \qquad (1)$$

афзоянда ба вуҷуд меояд (x — масофаи тайшуда нисбат ба мавқеи аввалаи ҷисм). Ҳангоми А. ҷ. аз баландиҳои калон h вобастагии қувваи ҷозиба ва масофа $r = R + h$ — x-ро ба эътибор гирифтан шарт аст. Дар ин маврид тезшавии маркази вазнинии ҷисми афтанда аз рӯи қонуни $w = \frac{g_0R^2}{r^2}$, суръат бошад

$$v = \sqrt{\frac{2g_0x}{\left(1+\frac{h}{R}\right)\left[1+\frac{(h-x)}{R}\right]}} \qquad (2)$$

тағйир меёбад.

Ҳангоми $x = h$ ифодаи (2) суръати ҷисми афтандаро дар лаҳзаи афтиши ҷисм ба сатҳи Замин ифода мекунад ва ҳангоми $h \ll R$ будан ифодаи (2) ба ифодаи (1) табдил меёбад.

Ҳангоми А. ҷ. аз баландиҳои хурд таъсири гардиши Заминро ба назар гирем, ба қувваи ҷозиба қувваи марказгурези инерция зам мешавад. Баробартаъсиркунандаи ин ду қувва қувваи вазнинии P мебошад, ки самташ амудӣ аст. Дар ин маврид тезшавии афтиши озод (тезшавии қувваи вазнинӣ) g аз g_0 ҳам аз ҷиҳати бузургӣ ва ҳам аз ҷиҳати самт фарқ мекунад ва ба арзи географӣ φ вобаста аст (мас., тезшавии афтиши озод дар қутб ба 9,83 м/сон² ва дар экватор ба 9,78 м/сон² баробар аст).

Дар амалия барои ҷисмҳое, ки суръати афтиши онҳо калон аст (мас., афтиши тири тӯп, парашют), муқовимати муҳитро ба назар мегиранд. Ҳангоми аз баландиҳои зиёд афтидани ҷисм *қувваи Кориолисро* бояд ба назар гирифт, зеро қувваи инерцияи Кориолис дар афтиши амудии ҷисм тамоюли шарқӣ ба вуҷуд меоварад. *С. Маҳмудов.*

АФФИКС (лот. affixus — часпида), қисми калима, ки дорои маъноии грамматикӣ буда, маъноии решаро то андозае тағйир медиҳад. А. калимасоз (мас., «оҳан+гар», «боғ+бон») ва шаклсоз (мас., «омад + ам», «мард+е», «одам+ча») мешавад. А. аз рӯи мавқеи нисбат ба решаи калима ишғолкардаи худ пеш аз реша — *префикс* (мас., «дар + омадан», «ҳам+кор»), баъди реша—*суффикс* (мас., «даст+ӣ», «даҳон+ӣ») ва дар байни он — инфикс (ин ба забони тоҷикӣ хос нест, мас., аз лот. vinco «зафар меёбем» ва vici «зафар ёфтам») номида мешавад. *Ҳ. Ҳусейнов.*

АФФИНАЖ (франс. affinage —тоза кардан), процесси металлургии ҳосил намудани металлҳои асили ниҳоят холис (тилло, нуқра ва ғ.) бо роҳи аз ҳамдигар ҷудо ва аз ғашҳо тоза кардани онҳо.

АФФРИКАТА (лот. affricata — молишёфта), ҳамсадои мураккаб, ки аз ду ҷузъ (ибтидои зич ва интиҳои роғ)-и дар як маҳраҷ ҳосилшуда таркиб ёфтааст. Мас., дар забони руси «ц» (аз т ва с), дар забони тоҷикӣ «ч» (аз д ва ж) ва «ч» (аз т ва ш) А. мебошад, ки аз ду ҷузъ иборат буда, дар як маҳраҷ (дар қисми пеши забон дар натиҷаи ба бехи дандонҳои боло расидани нӯги забон) ба амал омадаанд. А.-ҳо аз таркиби овозҳои дигар (мас., кш, пж ва ғ.) бо он фарқ мекунанд, ки: 1) алоқаи ҷузъҳои онҳо ниҳоят зич аст ва ҳамчун як овоз дарк мешаванд; 2) ҷузъи дуюм (роғ)-и онҳо кори иловагии узвҳои нутқро талаб намекунад. Барои ҳосил шудани А. фақат давомнокии вазъияти узвҳои нутқ зарур аст. *Т. Хаскашев.*

АФШӢН (суғдӣ — соҳиб, ҳомӣ, волӣ), унвони шоҳони Истравшан ва баъзе волиёни Суғд пеш аз истилои арабҳо. Тамоми ҳокимияти даҳрӣ, ҳарбӣ ва динӣ дар ихтиёри А. буд. А-ҳои 8—9 дар Истравшан сулолаи Ковусиён А. буд. *Н. Неъматов.*

АФШОНА افشانه Афшана, деҳаи қадима дар р-ни Ромитани вил. Бухоро, зодгоҳи Ибни Сино. А. дорои арки мустаҳкам ва шаҳристони бузург буд, ҳар ҳафта як маротиба бозор мешуд. *Н. Неъматов.*

АФШУРА, навъи нӯшокӣ. Аз мева, ғужуммева ва сабзавоти тару тоза тайёр мекунанд. А. моеи шаффоф ва ғализ, аз рӯи таркиб ва тарзи истеҳсол табиӣ, омехта, ширинкарда, газнок, концентронида ва аз рӯи усули консервонӣ пастеронида, яхонида, бо антисептикҳо консервонида, туршонида ва спиртонида мешавад. А. ҳамчун манбаи витаминҳо (махсусан вит. С) аҳамияти калон дорад. А.-ҳои ангур, себ, олуча, сиёҳолу, помидор, сабзӣ, биҳӣ, шафтолу ва ғ. бештар маъмул аст. А.-и ангур 15% моддаи хушк (аз ҷумла 13,2% ангиштоб), 3,5мг% витамини С, 0,12 мг% каротин, 0,2% туршӣ ва инчунин витаминҳои B_1, Р, намакҳои К, Fe, Ca, Р ва А.-и помидор 4,8—5% моддаи хушк (аз ҷумла 3% ангиштоб, 0,8% сафеда), 15 мг% витамини С, 0,5 мг% каротин, инчунин витаминҳои B_1, B_2, РР ва намакҳои минералӣ дорад.

АФШУРАГИРАК, мангана барои ҷудо кардани афшураи мева, ғужуммева ва сабзавот. А. винтӣ, гидравликӣ ва шнекӣ мешавад. Барои фушурдан, пастеронидан ва ба зарфҳо рехтани афшураи помидор комбайни махсусро истифода мебаранд. Дар рӯзгор афшураро бо А.-ҳои дастӣ ва механикӣ мегиранд.

АФЬЮН (ар. افيون аз юн. opion—шираи хашхош), моддае, ки аз шираи ғӯзаи *хашхош* (кӯкнор) ҳосил мекунанд. Дар таркибаш қариб 20 хел алкалоид (морфин, наркотин, кодеин, папаверин ва ғ.) дорад. А. аз қадимулайём маълуму машҳур аст. Дар илми тибби тоҷик оид ба фоида ва зарари А. маълумотҳои зиёд мавҷуданд. А.-ро барои табобати беморихои гуногун (сулфа, қуланҷ, бехобӣ, исҳол, беморихои дарунӣ ва ғ.) истифода мебурданд. А. чун тарьёк ҳам маълум аст. Истеъмоли мунтазами он боиси *нашъамандӣ* ме-

ғардад. Худсарона коштан, фурӯхтан ва истеъмол намудани хашхош қонунан манъ аст.

Дар тибби муосир А. ва диг. давоҳои ҳосилаи хашхошро дар намуди ордак, шираи хушк ё обакӣ ва г. дар зери назорати духтур чун воситаи рафъи дард, доруҳои зидди сулфа, бехобӣ, дарунравии ғайрисироятӣ ва г. кор мефармоянд; ба бачагони то 5-сола А. додан мумкин нест.

Ҳоло бо усулҳои синтезӣ як қатор доруҳо истеҳсол карда мешаванд, ки таъсирашон чун А. буда, вале одам ба онҳо одат намекунад.

Ҳангоми аз хашхош ва ҳосилаҳои он заҳролуд шудан налорфин (антиморфин)-ро чун тарьёк ё подзаҳр истифода мебаранд. *Ю. Н. Нуралиев.*

АФҒОНАНҶИР (Ficus afghanistanica), навъи *анҷир*. Дар шароити Тоҷикистон дарахти нисбатан паст (3—5 м); барги секунҷа ё дилшакл (дарозиаш 12—24, бараш 12—18 см), 3—5-парраи калондандонаю сермӯяк,

меваи зард, бунафш, нокшакл ё мудаввари (қутраш 2—3,5 см) хушхӯр дорад. Апр. гул карда, мевааш июль-авг. мепазад. Асосан дар Афғонистон паҳн шудааст. Дар СССР (Боғи ботаникии Никита дар Қрим, ҷануби Туркманистон), аз ҷумла РСС Тоҷ. (водии дарёҳои Кофарниҳону Вахш, дар боғоти Фархор, Қӯрғонтеппа) парвариш менамоянд. Зимистон хокпӯш мекунанд.

Меваи А.-ро дар тибби халқӣ барои рафъи нуқси ҷигар, испурч, гурда, узвҳои нафас ва ҳозима муфид мешуморанд.

Ад.: Королева А. С., Итоги интродукции деревьев и кустарников в Душанбинском ботаническом саду за 25 лет, «Тр. Бот. ин-та АН Таджикской ССР», т. 18, Д., 1962; Флора Таджикской ССР, т. 3, М.-Л., 1968. *З. Курбонбеков.*

АФҒОНИСТОН (افغانستان), **Республикаи Демократии Афғонистон** (جمهوریت دیموکراتیک افغانستان),

Намуди дарғот ва обанбори системаи обьёрии Ҷалолобод.

давлат дар Осиёи ҷанубу ғарбӣ. А. дар Шим. бо СССР, дар Ғ. бо Эрон, дар Ҷ. ва Ш. бо Покистон ва Ҳиндустон, дар Шим. Ш. бо Хитой ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 655 ҳаз. км². Аҳол. 18 млн наф. (1978). Пойтахташ—Кобул (аҳол. бештар аз 500 ҳаз. наф., 1976). Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 28 музофоту вилоят тақсим мешавад.

Сохти давлатӣ. А.— республикаи демократӣ (аз 30 апр. 1978). Сардори давлат ва сарвазир—раиси Совети революционӣ Нурмуҳаммади Таракӣ. Органи олии ҳокимияти давлатӣ Совети революционӣ буда, он органи олии ҳокимияти иҷроия — ҳукуматро интихоб менамояд. Ҳукумат дар назди Совети революционӣ масъул аст. Тамоми фаъолияти олии давлатӣ ва ҳукуматӣ бо указҳои Совети революционӣ ва ҳукумат ба тартиб дароварда мешаванд.

Табиат. А. мамлакати кӯҳистон, аз с. б. ба ҳисоби миёна 900—1200 м баланд. Қариб ³/₄ қисми терр. онро қ-кӯҳҳои Ҳиндукуш, Паропамиз, Помир ва кӯҳҳои Сулаймон фаро гирифтаанд. Қуллаи баландтарини кӯҳсори Шим. Ш. 7455 м (кӯҳи Нӯшак), марказӣ аз 5000 м ва қисми ғарбӣ аз 3000 м зиёд аст. Дар ҷануби А. ноҳияҳои камбориши Систон ва Гармсер воқеъ гаштаанд, ки баландии миёнаашон аз с. б. 500 м аст. Сатҳи А. аз доманаҳои шим. Ҳиндукуш паст шуда, ба минтақаи нисбатан паст — ҳамвории зардхок табдил меёбад, ки он то соҳ. д. Аму рафта мерасад. Аз самти Шарқ ин ҳамворӣ ба сӯи хавзаи Ҳинд паст шуда меравад.

Иқлими А. континентӣ, зимистон—хунук, тобистон—гарм беборишҳ. Ҳарор. миёнаи июль аз 24° то 32° С, дар баландии 2500—4000 м қариб 10° С. Зимистони ҳамвориҳо мулоим ва номӯътадил, ҳарор. миёнаи янв. аз 0° то 8° С; дар баъзе ҷойҳо ҳаво хеле хунук, ҳарор. аз —20° то —30° С мерасад. Умуман ба иқлими А. аз ҳад зиёд пасту баландшавии ҳарор. зимистон ва тобистон хос аст. Боришот хеле кам, тобистон тамоман боронгарӣ намешавад. Миқдори боришоти солона дар ҳамвориҳои ҷанубӣ 40—50 мм, дар паҳнкӯҳҳои дохилӣ 200—250 мм, дар кӯҳҳо то 800 мм. Аксарияти д-ҳои А. мавсимӣ буда, дар давраи боронгарӣ пуробанд. Д-ҳои калонтарин: Мурғоб, Ҳарируд, Фараҳруд, Ҳилманд, Кобул, Аму (Панҷ).

Дар А. бештар хокҳои тираранги кӯҳӣ (хусусан дар Ҷ. ва Ғ.) ва хокистарранги кӯҳӣ, дар ноҳияҳои шимолӣ хокҳои марғзории кӯҳӣ, дорчинии кӯҳӣ паҳн шудаанд. Наботот асосан аз растаниҳои даштӣ ва биёбонӣ иборат аст (явшон, шӯра, яҳтоқ, саксавул ва ғ.). Дар баъзе ҷойҳо дӯлона, зиришки сиёҳ ва сурх, дар Бадахшон ва Нуристон буттазори зирк, гиёҳҳои дорӯй бисьёранд. К-ҳои Спинғар (Сафедкӯҳ) ва Асмори Нуристон бо ҷангалҳои дарахтони сӯзанбарг [ҷалғӯзаи ҳимолой, санавбар, ладен (пихтаи европой)] пӯшидаанд. Ғайр аз ин дар ин ҷо тӯс, финдиқ, арча, чормағз, шафтолу ва бодом, токи ёбой бисьёр вомехӯранд; хаданг, шумтол, булут, нил, бедҳои қадпаст месабзанд; дар баландии то 1000 м зайтуни ҳудрӯй, нозгул (мимоза), нахл ва дарахтҳои иморатбоб мерӯянд. Дар қисмҳои гуногуни А., хусусан дар ноҳияҳои Қандаҳор, Ҳирот ва Кӯҳдоман, боғу токзори калон ва сафедорзор бисьёранд. Ҳамвории Ҷалолобод бо навъҳои хушсифати

Кобул. Намуди умумӣ.



Заводи нону элеватори Кобул.

меваҳои цитрусӣ. машҳур гаштааст. Олами ҳайвоноти А. басе гуногун аст: аз сумдорон гӯсфанду бузи кӯҳӣ, оху, гуроз, хари ваҳшӣ (кулон); аз даррандаҳо гург, кафтор, бабр, шаҷол; аз хазандагон сангпушт, мор ва ғ. ҳастанд. Дар А. зиёда аз 124 хел парранда, ҳашарот, аз ҷумла малах, гунда ва каждум бемехӯрад.

Аҳолӣ. Дар А. зиёда аз 20 халқият зиндагӣ карда, ҳар кадом бо забони худ гап мезанад. Бештар аз нисфи аҳолӣ (зиёда аз 9 млн наф.) афғонҳоанд. Мувофиқи маълумоти расмӣ дар як қатор музофотҳои ғарбӣ ва Шим. шарқӣ тоҷикон (тақрибан 4300 ҳаз. наф.), дар шимол ӯзбекҳо (зиёда аз 1100 ҳаз. наф.) ва туркманҳо (қариб 300 ҳаз. наф.) зиндагонӣ мекунанд; дар қисми марказӣ — *ҳазораҳо* (бештар аз 1 млн наф.). Инчунин чораймоқҳо, нуристониҳо, балуҷҳо, пошой, қирғизҳо, қазоқҳо, қароқалпоқҳо, арабҳо ва ғ. ҳастанд. Забонҳои давлатӣ — пашту ва дарӣ. Дини давлатӣ — ислом. Тақрибан 3 млн наф. аҳолӣ (1973) кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ мебошад. Зичии миёнаи аҳол. дар 1 км² 26 наф., дар водию воҳаҳои ҳосилхез аз 100 наф. зиёд аст. Махсусан водии дарьёҳои ҳамвории Бохтар, ҳавзаи д.-ҳои Кобул, Ҳарируд ва Арғандоб сераҳолианд. Дар чулу биёбонҳои самти ҷан. ва поҳияҳои баландкӯҳи марказ ва Шим. Ш. мамлакат аҳолӣ хеле кам аст. Аҳолии шаҳрҳо тақрибан 15% тамоми аҳолиро ташкил медиҳад. Ш.-ҳои калонтарин: Кобул, Қандаҳор, Ҳирот, Мазори Шариф, Қундуз ва ғ.

Пали заминҳои шолӣ дар водии д. Кунар.

Очерки таърихӣ. Дар ҳоки А. одамон аз давраҳои қадимтарин зиндагӣ мекунанд. Номи «афғон» дар сарчашмаҳои а. 6 ёдоварӣ мешавад. Сарчашмаҳои таърихӣ далолат мекунанд, ки нахустин давлат ҳазорсолаи якуми то м. ба вуҷуд омад (Бохтар). Дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна ҳудуди ҳозираи А. ба ҳайати давлатҳои бузурги Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ дохил мешуд. Бохтар ва заминҳои самти ҷан. онро то д. Ҳинд с-ҳои 539 ва 530 то м. асосгузори давлати Ҳахоманишиён Куруш забт кард. Бохтар яке аз районҳои хеле тараққикардаи империяи Ҳахоманишиён буд. Аз ин сарзамин роҳҳои тиҷоратӣ аз Осиёи Миёна ва Эрон ба Ҳиндустон мегузаштанд. Дар а-ҳои 4—3 то м. дар А. дини буддоӣ паҳн шуд. С. 329 то м. Бохтарро Искандари Мақдунӣ забт кард. А.-ро а-ҳои 5—6 ҳайтолиён ва а-ҳои 7—8 арабҳо забт карданд; дар ин сарзамин дини ислом паҳн шуд. Аз а. 9 сар карда дар А. сулолаҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ҳукм ронданд. Дар а-ҳои 10—13 дар ҳоки А. давлатҳои калони феод. Ғазнавиён (пойтахташ ш. Ғазна) ва Ғуриён ба вуҷуд омада, дар онҳо илму маданият рӯ ба тараққӣ нихоҳ. Баъдҳо ба ҳоки А. мӯғулҳо ва Темуриён зада даромаданд. Қабилаҳои афғонӣ нан ҳам аз иқоматгоҳҳои худ ба ғарб юришҳо карда, чарогоҳҳо ва заминҳои корамро забт намуданд ва худашон муқим шуданд. Ибтидои а. 14 қабилаҳои юсуфзойҳо районҳои кӯҳии шим. водии Пишовур (Пешовар)-ро ишғол карданд. Дар миёнаи а. 16 марватҳо ба вил. Банну соҳиб шуданд. Ибтидои а. 17 қабилаҳои ғилзойҳо ва абдолиён хеле пурқувват шуданд. Ғилзойҳо дар Ғазна ва районҳои атрофи кӯҳҳои Сулаймон, абдолиён дар вил. Қандаҳор зиндагӣ мекарданд. Дар ҳоҷагии ин ду қабила зироат аҳамияти зиёд пайдо кард. Дар а. 17 — аввали а. 18 вил. алоҳидаи А.— Ҳирот ва баъд Қандаҳор ба ҳайати давлати Сафавиёни Эрон, Пишовуру Кобулу Ғазна ба ҳайати давлати Темуриёни Ҳинд дохил буданд. Дар солҳои ҳукмрониии Нодиршоҳи Афшор (1736—47) тамоми ҳоки ҳамонвақтаи А. ба ҳайати империяи ӯ дохил шуд. Баъд аз марги Нодиршоҳ дар А. давлати Дурониён (1747—1818) ба вуҷуд омад, ки асосгузори он Аҳмадшоҳи Дурронӣ (1747—73) буд. Ҳудуди салтанати Дурронӣ аз Машҳад то Кашмир ва аз Аму то Сатлеҷ ва б. Араб паҳн шуд. Сохти ҷамъиятии афғонҳо дар ҳамон вақт феодалӣ буд. Дар районҳои кӯҳӣ муддати зиёд муносибатҳои тофеодалӣ ҳукмрон монд. Дар натиҷаи тараққиёти минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ дар охири а. 18—аввали а. 19 муносибатҳои феодалӣ тадриҷан мустаҳкамтар шуда, дифференциацияи синфӣ боз ҳам авҷ гирифт. Ба вуҷуд омадани заминдории калони феодалӣ боиси афзудани ҳаракати тачзияталабонаи феодалон ва исёнҳои онҳо шуда, ҳаракати озодихоҳонаи халқҳои ғайриафғонро тезу тунд гардонд. Ин ҳокимияти ворисони Аҳмадшоҳи Дурронро суст кард. Ҳанӯз дар охири а. 18 — аввали а. 19 синфи ҳукмрони афғонҳо бисьёр мулкҳои ҳудро дар Ҳиндустон, Эрон ва районҳои шим. Ҳиндукуш аз даст дод. С. 1818 давлати Дурониён ба инкироз дучор шуда, ба ҷои он ҳонигариҳои мустақили феод. Кобул, Қандаҳор, Пишовур ва Ҳирот ба вуҷуд омаданд, ки пуриқтидортарини онҳо ҳонигарии Кобул буд. А. ба давраи парокандагии дарозмуддати феодалӣ дучор шуд. Тамоми кӯшишҳои Дӯстмуҳаммадхон (1826—63) барои муттаҳид намудани мамлакат бо сабабҳои гуногуни дохилӣ ва ҳоричӣ натичае надод. Хусусан ба ин нақшаҳои таҷовузкоронаи мустамликадорони англис, ки мехостанд А.-ро мутеи худ созанд, халал расонд. Дар айни ҳол Англия ҳокими Панҷоб Ранҷит Сингҳро ба муқобили А. баранге зонд. Ранҷит Сингҳ дар як муддати кӯтоҳ вил. Мултон, Кашмир ва Пишовурро аз дасти афғонҳо кашида гирифт. 12. марти 1833 бо маслиҳати ширкати «Шарқулҳинд» (Ост-Индия) дар байни Ранҷит Сингҳ ва шоҳи гурезаи афғон Шуҷоъ шартнома баста шуд, ки мувофиқи он Ранҷит Сингҳ мебоист ба шоҳ Шуҷоъ барои ба тахти Кобул соҳиб шудан ёрӣ мерасониду шоҳ Шуҷоъ ҳокимияти Сингҳро бар Пишовур, Мултон ва Кашмир эътироф мекард.

Охири с. 1838 армияи калони англисию ҳиндӣ ба А. ҳуҷум карда, Қандаҳор ва Кобулро забт намуданд. Шуҷоъ подшоҳи Афғонистон эълон карда шуд. Дар мамлакат муборизаи озодихоҳӣ сар зад. Нафрати халқ чунон зӯр буд, ки апр. 1842 шоҳ Шуҷоъ ҳангоми аз Кобул гурехтан ҳамчун ватанфурӯш парронда шуд. Ҷанги с-ҳои 1838—42 бо ғалабаи халқҳои А. анҷом ёфт. Аввали с. 1843 Дӯстмуҳаммадхон, ки аз 1840 дар Ҳиндустон буд, ба А. баргашт ва баъди ин ба муттаҳид намудани мамлакат аз нав сар кард. То с. 1863 Қандаҳор, Ҳирот, ҳонигариҳои шимолиро ба ҳукумати марказӣ тобеъ кард. Дӯстмуҳаммадхон давлати худро то ба охир мутамарказонида натавонист; дар байни вилоятҳои алоҳида алоқаи мустаҳками иқтисодӣ вуҷуд надошт; майли тачзияхоҳонаи феод. маҳаллӣ суст гардида бошад ҳам, ҳанӯз барҳам нахӯрда буд. Дар давраи ҳукмрониии Шералихон (1863—79) низ ин ҳолат давом кард. Шералихон барои азнавсозии армия ва мустаҳкам намудани он чораҳо дид, системаи ба иҷора гирифтани андозҷамъкуниро бекор кард; ҳунармандӣ ва роҳсозиро ривоҷ дод. Аввалин бор дар А. почта ба кор даромад. Ин тадбирҳо то андозае ба тараққиёти иқ-

тисодӣ ва мадании мамлакат кӯмак карданд. Шералихон кӯшид, ки истиқлолияти А.-ро то ҳадди имкон мустаҳкам намояд. Ӯ чандин талаби англисҳоро дар бораи дар А. барпо намудани агентиҳои дипломатӣ, ба мамлакат овардани афсарҳои англисӣ ва ғ. рад кард. Нояб. 1878 армияи 36 ҳазорнафараи англисию ҳиндӣ ба хоки А. даромада, якчанд вил. А.-ро ишғол кард. Дар айни ҳол бар зидди Шералихон сӯиқасди феодалон низ тайёр карда мешуд. Шералихон маҷбур шуд Кобулро ба писараш Яъқубхон вогузошта, 13 янв. 1878 ба Мазори Шариф равад. Ӯ мехост, ки ба Петербург рафта, конгресси байналхалқиро доир ба А. даъват кунонад. Вале 20 февр. 1879 дар Мазори Шариф вафот кард. Яъқубхон хабари фавти падарро шунида, бо англисҳо гуфтушунид сар кард. 26 мае 1879 дар мавзеи Гандамак шартномаи нобаробарҳуқуқ ба имзо расид. Ин шартномаи ноодилона халқҳои А.-ро ба қаҳру ғазаб овард. Дар ҳамин вақт додарзодаи амир Шералихон — Абдурраҳмонхон, ки аз с. 1869 дар Осиёи Миёна зиндагӣ мекард, ба А. баргашт. Баҳори с. 1880 Абдурраҳмонхон бо мақсади ба Кобул ҳуҷум кардан дар шимоли А. армияи бисьёре ҷамъ кард. Дар районҳои диг. А. низ дастаҳои зиёди фидоиён ташкил шуданд. Дар чунин ҳолат Англия маҷбур шуд, ки Абдурраҳмонхонро ҳамчун амири А. шиносад (июли 1880). Дар навбати худ Абдурраҳмонхон розӣ шуд, ки пунктҳои асосии шартномаи Гандамакро риоя кунад. Баъди ҷанги с-ҳои 1878—80 ҳам Англия аз мақсади истилогарии худ даст накашид. Абдурраҳмонхон дар давраи ҳукмронаш (1880—1901) бо мақсади барҳам задани парокандагии феодалӣ якчанд ислоҳот гузаронд. Дар натиҷаи ин тадбирҳо Қандаҳор, Ҳирот ва вил. соҳили чапи Аму, ки он дар ихтиёри хонигарии Бухоро буд, Ҳазорачот (1892) ва Кофаристон (1896) ба ҳукумати марказӣ тобеъ шуданд. Ба корҳои адлия қонгаду қонунҳои граждани дохил карда, аппарати маъмурию давлатӣ ба тартиб дароварда шуд; як қисми заминҳои рӯҳониён ба ихтиёри давлат гузашт; рӯҳониён ба хизмати давлат гузашта, маоши муайян мегирифтанд. 12 нояб. 1893 Абдурраҳмонхон дар зери фишори Англия маҷбур шуд, ки ба шартномаи Дюранд имзо кунад. Мувофиқи ин шартнома ба ном «Минтақаи мустақил»-и афғонишини Дир, Читрол, Сват, Боҷаур ва ғ. ба Ҳиндустони британӣ ҳамроҳ карда шуданд. Қабилаҳои афғони «Минтақаи мустақил» ба ин шартнома мукобил баромаданд ва ин Англияро маҷбур сохт, ки ба баъзеи онҳо ҳуқуқи худмуайянкунӣ диҳад. Баъди вафоти Абдурраҳмонхон писараш Ҳабибуллоҳхон (1901—19) ба сари ҳокимият омад. Дар ин давра ҷоннокшавии саводи дохилӣ ва хориҷӣ, пешравии хоҷагии халқ, васеъ шудани шаҳрҳо, ба вуҷуд омадани буржуазияи миллӣ, кушода шудани мактабҳои типи европой ва нашри рӯзномаҳо мушоҳида мегардад.

Дар зери таъсири Рев. 1905—07 рус дар мамлакат ҳаракати маштрутахоҳон — ҷавонафғонон сар шуд. Дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ А. сиёсати бетарафиро риоя кард. Дар зери таъсири Рев. Октябрь қувваҳои тараққипарвари А. фаъолияти худро вусъат дода, барои ба даст овардани истиқлолиятӣ пурраи миллӣ мубориза мебурданд. 20. февр. 1919 Ҳабибуллоҳхон дар деҳаи Бесуди назди Ҷалолобод дар натиҷаи сӯиқасди дарборӣ кушта шуд. Ба сари ҳокимият писари вай Амонуллоҳхон (1919—29) омад. 28. февр. 1919 А. давлати мустақил эълон карда шуд. Истиқлолияти А.-ро пеш аз ҳама Россияи Советӣ шинохт. 7 апр. 1919 Амонуллоҳхон бо мактуб ба В. И. Ленин муроҷиат карда, барои бо Россияи Советӣ бастани алоқаҳои дӯстона изҳори хоҳиш намуд. 27 мае 1919 бо имзои В. И. Ленин ва М. И. Калинин ҷавоби мактуби Амонуллоҳхон ба Кобул расид. Дар он дар байни ҳар ду давлат муқаррар кардани муносибати дипломатӣ пешниҳод шуда буд. 28 февр. 1921 дар Москва байни А. ва Россияи Советӣ шартнома имзо карда шуд. Мувофиқи ин шартнома тарафайн ӯҳдадор шуданд, ки бар зидди якдигар бо давлати сеюм ба гуфтушунид намедароянд. Давлати Советӣ розӣ шуд, ки ба А. ёрии иқтисодӣ, техникӣ ва пулӣ расонад. Ин аввалин шартномаи баробарҳуқуқи А. бо давлати бузург буд. 22 нояб. 1921 дар байни А. ва Англия низ шартнома ба имзо расид. Вале имзо шудани шартномаи мазкур ҳаргиз чунин маъно надошт, ки нақшаҳои мустамликадорони англис қатъ мегардад. Баръакс, Англия сиёсати худро нисбат ба А. мувофиқи дигаргуниҳои байналхалқӣ пеш гирифта, мехост ба корҳои дохилии он даҳолат кунад, аз душворихои иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат ба манфиати худ истифода барад. Амонуллоҳхон бо мақсади мустаҳкам кардани иқтисодиёти мамлакат баъзе ислоҳоти прогрессивӣ гузаронд: аппарати давлатиро дар марказ ва вилоятҳо пурқувват гардонд, с. 1923 аввалин конституцияи А. қабул карда шуд; сардорони қабилаҳо аз ҳуқуқи ҷамъ кардани андоз маҳрум шуданд; таъсири рӯҳониён дар мактаб ва корҳои адлия маҳдуд гардид, якчанд мактабҳои ғайридинӣ, аз ҷумла барои занону духтарон, кушода шуданд. Барои тараққиёти саноат қонун қабул карда шуд ва ғ. Ин чорабиниҳо барои пахн шудани муносибатҳои капиталистӣ дар мамлакат роли калон бозиданд. Вале барои амалӣ гардидани ислоҳоти Амонуллоҳхон қувваҳои иртиҷоии дохилию ҳомиёни хориҷии онҳо халал мерасониданд. Онҳо аз шӯриши қабилаҳои сокини Хӯст (1924—25) низ истифода намуданд. Шӯриш пахш карда шуд. Дар охири с. 1928 ва аввали с. 1929 дар заминаи тезутунд шудани зулму бедодии феодалӣ бо сардории Бачаи Сакко ба муқобили ҳукумати Амонуллоҳхон шӯриши умумӣ ба амал омад. Моҳи янв. с. 1929 Амонуллоҳхон аз тахт даст кашид ва дастаҳои шӯришгар Кобулро ишғол карданд. Пешвои шӯришгарон Бачаи Сакко бо номи Ҳабибуллоҳхон амир эълон шуд. Маслиҳатгар ва мушовирони ӯ рӯҳониён ва феодалони оппозиционӣ буданд, ки ба манфиати халқ ҳеҷ чорачӯй ва тадбир наандешиданд. Халқ аз ҳукумати Ҳабибуллоҳхон рӯй гардонд. Аз ин фурсат генерал Нодирхон истифода намуда, бо ёрии қабилаҳои ҷанубии афғон ба аскарони Ҳабибуллоҳхон зарба расонида, Кобулро ишғол намуд ва худи Ҳабибуллоҳхонро ба қатл расонид. Нодирхон подшоҳи Афғонистон эълон гардид. Ҳукумати Нодирхон дар сиёсати хориҷӣ ба тарафдории муносибатҳои дӯстона бо СССР баромад карда, с-ҳои 1930—31 дастаҳои босмачиёнро дар сарзамини худ барҳам дод. 24 июни 1931 дар байни СССР ва А. шартномаи бетарафӣ ва ба ҳамдигар ҳуҷум накардан ба имзо расид. С. 1931 конституцияи нави А. қабул карда шуд, ки дар асоси он сохти давлатӣ шакли монархияи конституционӣ гирифт. Баъд аз вафоти Нодиршоҳ 8 нояб. 1933 Муҳаммад Зоҳиршоҳ ба сари ҳокимият омада, сиёсати дохилӣ ва хориҷии падарашро давом дод. С-ҳои 30 дар А. пурқувватшавии капитали миллии тиҷоратӣ мушоҳида гардида, якчанд ширкатҳои миллӣ ба вуҷуд омаданд ва савдои хориҷии мамлакатро ба дасти худ гирифтанд. Дар тараққиёти иқтисодии мамлакат роли Давлати Советӣ калон буд. Ҳанӯз с. 1928 А. сеяки молҳои импортиро аз Иттифоқи Советӣ меҳарид. Дар навбати худ нисфи молҳои экспорти А. ба СССР меомад. Бо ёрии Давлати Советӣ дар Имомсоҳиб, Толиқон, Давлатобод, Баглон ва Мазори Шариф з-дҳои пахта сохта шуданд. Олимони советӣ дар муборизаи зидди ҳашароти зараррасон ҳаматарафа иштирок карданд.

Дар арафаи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ давлатҳои империалистӣ, алалхусус Германия ва Италия, нисбат ба А. мероқи зиёд зоҳир карданд. Онҳо мехостанд, ки муносибатҳои хуби афғону советиро вайрон карда, дар назди сарҳадҳои СССР ва Ҳиндустон базаҳои диверсионӣ ба вуҷуд оваранд. Бино ба талаби қатъии Иттифоқи Советӣ ва Англия ҳукумати А. окт. 1941 ҳамаи немисҳо ва италиявиҳои ғайриозоёнро сафоратро аз мамлакат пеш кард. Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ А. аз сабаби вайрон

шудани муносибатҳои иқтисодӣ душвориҳои зиёдеро аз сар гузаронд; импорти газвор, бензин, карасин, қанд ва ғ. кам шуда, шароити зиндагии меҳнаткашон аз пештара дида вазнинтар гардид. Ин душвориҳо боиси сар задани якчанд шӯришҳои қабилаҳои афғонӣ шуда, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро хеле тезу тунд карданд. Дар ҷунбишҳои сиёсӣ намояндагони буржуазияи хурду миёнаи шаҳру қишлоқ ва зиёиён роли асосӣ бозиданд. С. 1953 Муҳаммад Довуд сарвазири А. таъин шуд. Ӯ сиёсатеро пеш гирифт, ки мувофиқи он имкониятҳои иқтисодии давлат бояд пеш аз ҳама барои ба вуҷуд овардани саноати калон равона карда мешуданд. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ давлатҳои империалистӣ борҳо кӯшиш намуданд, ки А.-ро бо ҳар роҳ ба блокҳои ҳарбӣ ҷалб кунанд. Аммо А. сиёсати бетарафиро давом дод. Дар тараққиёти иқтисодии А. роли ёрии беғаразонаи СССР ва дигар давлатҳои социалистӣ калон аст. Бо иштироки СССР объектҳои гуногуни саноатӣ сохта шуданд: з-ди таъмири мошинҳо дар Ҷангалак, комб-ҳои нонпазӣ ва хонасозии Кобул, элеватор дар Пули Хумрӣ, бандари Қизилқалъа, станцияҳои электрикии обии Наглу, Саробӣ ва Дарунта дар д. Кобул, каналҳои обьёрӣ, роҳҳои асфальтпӯш ва ғ. Бо кӯмаки геологҳои советӣ дар ҳоки А. нефть, ангишт, маъдани оҳан, захираи фаровони гази табиӣ ва диг. сарватҳои зеризаминӣ кашф карда шуд. Садҳо наф. мутахассисони советӣ дар А. кор мекунанд. Ҷиҳати муҳим ва характерноки ёрии иқтисодии СССР ба А. аз он иборат аст, ки ин ёрӣ беғаразона расонда мешавад. Иттифоқи Советӣ ба А. барои амалӣ шудани нақшаҳои иқтисодиаш ба маблағи калон қарзи даромуддат дод. Дар давоми солҳои ҳамкории иқтисодӣ мутахассисони советӣ барои хоҷагии халқи А. ҳазорҳо кадрҳои баландихтисос тайёр карданд. Ҳоло дар донишкадаҳои олию миёнаи махсуси шаҳрҳои гуногуни СССР садҳо нафар аспиранту студентони афғон илму ҳунар меомӯзанд. Инкишофи алоқаҳои устувори иқтисодӣ ва ҳамкории СССР ва А. дар асоси шартҳои ба якдигар фоидаовар давом дорад. Ин ҳамкорӣ имконият медиҳад, ки тамоми системаи муносибатҳои байналхалқӣ дар асоси принципҳои баробарҳуқуқӣ, соҳибихтиёрӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва манфиати якдигар ба роҳ монда шаванд. Дар солҳои баъди ҷанг робитаҳои мадании СССР ва А. низ мустаҳкам гардиданд. Ба имзо расидани шартнома дар бораи ташкили Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои мадании афғону советӣ (1959) барои боз ҳам мустаҳкам гардидани алоқаи мадании байни ду давлат аҳамияти калон дошт. Мае 1960 шӯъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаҳои маданиии Иттифоқи Советию А. ташкил гардид. Халқҳои советӣ ба маданияти халқҳои А. мароқи зиёд зоҳир мекунанд. Дар мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии СССР забонҳои пашту ва дарӣ омӯхта шуда, доир ба адабиёт, таърих, иқтисодиёти А. корҳои илмию тадқиқотӣ бурда мешаванд. Дар соҳаи санъат ҳам алоқаи СССР, аз ҷумла РСС Тоҷ., бо А. мустаҳкам мегардад. Дар даҳ соли охир намояндагони санъати тоҷик ва афғон чандин бор меҳмони ҳамдигар шуданд.

Чорабиниҳои иқтисодии нимаи дуюми с-ҳои 50 — аввали 60 дар А. ба инкишофи муносибатҳои капиталистӣ кӯмак карда, боиси вусъати ҳамон қуввaҳои ҷамъиятие гардиданд, ки онҳо бо талабҳои демократӣ кунондани сохти ҷамъиятии мамлакат баромад мекарданд. С. 1963 Муҳаммад Юсуф сарвазири Афғонистон таъин шуда, ҳукумати ӯ с. 1964 конституцияи нав ҷорӣ кард. С-ҳои 60 нашри рӯзномаҳои миллӣ аз нав шурӯъ гашта, дар онҳо ақидаҳои гуногуни сиёсӣ таргиб карда мешуданд. Дар шароити авҷ гирифтани ҳаракати сиёсӣ синфи ҳукмрон сиёсати бароҳи тараққиёти капиталистӣ даровардани иқтисодиёти мамлакат ва дар айни ҳол дар сари ҳокимият нигоҳ доштани қуввaҳои кӯҳнаи иртиҷоиро пеш гирифт. Вале ҳукуматҳои паи ҳам ивазшудаи Майвандвол Муҳаммадҳошим (1965—67), Эътимодӣ Нураҳмад (1967—71), Муҳаммад Абдуззоҳир (1971—72) ва Шафиқ Муҳаммадмусо (1972—73) масъалаҳои ислоҳоти замин ва системаи андоз, нест кардани бекорӣ, ба тартиб даровардани нархи молҳои истеъмолӣ, беҳтар намудани шароити зиндагии халқ ва амсоли инҳоро ҳал карда натавонистанд. С. 1965 бо сардории ходими намоёни ҷамъиятӣ ва адиби маъруф Нурмуҳаммади Таракӣ Партияи халқӣ-демократӣ таъсис ёфт, ки он пинҳонӣ ба фаъолияти революционӣ шурӯъ кард, дар байни коргарон, деҳқонон, ҳарбиёни тараққихоҳ ғояҳои навсозии Афғонистонро ташвиқ ва шуури меҳнаткашони мазлумро бедору онҳоро ба мубориза тайёр намуд. Сиёсати дохилии ҳукумат норозигии халқи меҳнаткашро ба вуҷуд оварда, боиси баромадҳои коргарон, деҳқонон ва зиёён гардид. Тартиботи шоҳӣ ба бӯҳрони вазнин дучор гашт. Дар чунин ҳолат 17 июли 1973 табаддулоти давлатӣ ба амал омада, А. республика эълон карда шуд. Муҳаммад Довуд сардори давлат ва ҳукумат интихоб гардид. Ин ҳукумат оид ба ислоҳоти замин қонун қабул кард ва ваъда дод, ки банкҳоро ба зери назорат гирифта, соати рӯзи кориро ба тартиб медарорад, барои беҳтар намудани системаи нигаҳдории тандурустӣ, маориф ва ғ. тадбирҳо меандешад. Аммо дар амал чораҳои қатъӣ надид. Замин мисли пештара дар дасти аксарияти заминдорон боқӣ монд. Худи вазирони ҳукумати Довуд замини зиёд доштанд. Ҳукумати Довуд қуввaҳои тараққихоҳро аз иштирок дар корҳои давлатӣ ва идораи мамлакат дур кард, барои барҳам задани Партияи халқӣ-демократӣ тайёрӣ медид, фаъолони онро таъқиб намуда, ба зиндон мепартофт. Ҳамаи ин ба авҷ гирифтани ҳаракати халқӣ оварда расонд, ки ба он Партияи халқӣ-демократӣ роҳбарӣ кард. Бо даъвати Партияи халқӣ-демократӣ муборизаи мусаллаҳона сар зад. 27 апрели 1978 революция дар Афғонистон ғалаба кард. Бо ҳамин ҳукмронии хонадони Нодиршоҳ хотима ёфт. А. республикаи демократӣ эълон гардид, ки он манфиати ҳақиқии табақаҳои мазлуми халқи афғон — коргарону деҳқонон ва буржуазияи хурди миллиро муҳофизат мекунад. Дар программаи ҳукумати РДА масъалаи барҳам додани қафомонии чандинасра, барпо намудани иқтисодиёти миллӣ, индустрикунонидани мамлакат, баланд бардоштани дараҷаи зиндагии халқ ва ғ. ба миён гузошта шудааст. РДА дар сиёсати берунӣ принципи бетарафӣ, мустаҳкам намудани сулҳу амният, ҳамзистии осоишта ва бо СССР вусъат додани муносибатҳои дӯстонаро пеш гирифт. Иттифоқи Советӣ аз рӯи анъанаҳои деринаи дӯстона яке аз аввалинҳо шуда Республикаи демократии А.-ро ба расмият шинохт. А. бо аксарияти давлатҳои Осиё, Африка, Америкаи Лотинӣ, Европа ва ШМА низ муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва маданӣ дорад.

Партияҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Партияи халқӣ-демократӣ, партияи ҳукмрон, с. 1965 таъсис ёфтааст. Манфиати табақаҳои мазлуми халқ, коргарону деҳқонон ва буржуазияи хурдро муҳофизат мекунад. Ҷамъияти дӯстии Афғонистону Иттифоқи Советӣ, с. 1960 ташкил ёфт.

Роҳи мошингард дар Ҳиндукуш.



Сохтмони газопроводи Шибирғон.

Хоҷагӣ. А. мамлакати аграрист. Дар иқтисодиёти он х. қ. мавқеи калон дошта, қариб 80% даромади миллиро медод. 85—90% аҳолӣ дар х. қ. кор мекунад. Зиёда аз нисфи киштзор ба ноҳияҳои шимоли А. рост меояд. Заминҳои обӣ дар водии д-ҳои Кобул, Ҳарируд, Ҳилманд, ноҳияҳои Лагмон, Ҷалолобод, Кунари Поён, Балх, Фарах, Қандаҳор, Мазори Шариф ва ғ. ҷой гирифтаанд. Дар зироати А. ғалладона ҷои намоёнро ишғол мекунад. Зиёда аз 50% арзиши маҳсулоти х. қ.-ро гандум ташкил медиҳад: с. 1976 2,9 млн т гандум, 380 ҳаз. т ҷав, 145 ҳаз. т пахта ҷамъ оварда шуд. Дар водиҳои Лӯгар, Сурхоб ва Алишанг шолӣ, дар баландиҳои ҷанубу шарқӣ ҷуворимакка, наск, лӯбиё, нахӯд ва ғ. мекоранд. Дар қисмҳои гуногуни А., хусусан дар ноҳияҳои Қандаҳор, Ҳирот, Кобул, Қатаган ва Кӯҳдоман навъҳои гуногуни ангур, зардолу, шафтолу, биҳӣ, себ, анор, чормағз, писта, бодом меруёд. Аз зироатҳои техникӣ пахта, найшакар, лаблабуи қанд мепарваранд. Дар кӯҳсору даштҳо чорводорӣ ривоҷ ёфта, гӯсфандпарварӣ махсусан ҷои намоёнро ишғол мекунад. Дар с. 1975 дар А. 21,5 млн сар гӯсфанд, аз ҷумла 4 млн сар гӯсфанди қарокӯлӣ мавҷуд буд. А. дар бобати истеҳсоли пӯсти қарокӯлӣ (соле 2—2,5 млн дона) дар ҷаҳон дар ҷои сеюм (баъд аз СССР ва РАҶ) меистад. Саршумори буз ба 3,2 млн ва гов ба 3,7 млн сар мерасад.

Саноати А. суст тараққӣ карда, танҳо 21,8% маҳсулоти умумии миллиро медиҳад. Сохтмони з-ду ф-каҳо дар охири с-ҳои 30 сар шуд. С-ҳои 1975—76-ум 716 млн кВт/соат қувваи электр, 182,8 ҳаз. т ангиштсанг, 48,7 ҳаз. т намак, 2,9 млрд м³ газ табиӣ ва ғ. истеҳсол карда шуд. Ҳоки А. аз сарватҳои зеризаминӣ: тилло, нуқра, оҳан, мис, сурб, ангиштсанг, хром, газ табиӣ ва нефть бой буда, онҳо асосан дар шимоли Ҳиндукуш, дар гирду атрофи Ҳирот, Сарипул, Маймана, Шибирғон ва Толиқон воқеъанд. Аммо ин конҳо, ғайр аз газ табиӣ, ҳоло дуруст тадқиқ нашудаанд.

Корхонаҳои бофандагии Гулбаҳор ва Пули Хумрӣ, ф-каҳои истеҳсоли матои пашмин ва консерви Қандаҳор, з-дҳои қанди Баглон ва равгани Кундуз, комб. нони Кобул, з-дҳои цементи Пули Хумрӣ ва Ҷабал-ус-Сироҷ аз корхонаҳои саноати маснуотбароранд. Маҳсулоти косибӣ низ аҳамияти калон дорад. Қолинҳои бофтаи ҳунармандони А. берун аз мамлакат низ хеле машҳуранд. Қолинбофӣ асосан дар Шим.—дар ноҳияҳои Ҳирот ва Қатаган тараққӣ кардааст.

Аз ²/₃ ҳиссаи маҳсулоти саноатии А. ба воситаи ҳунармандӣ истеҳсол мешавад, ки дар соҳаҳои гуногуни он бештар аз 200 ҳаз. наф. машғуланд. Маҷмӯи корхонаҳои саноатӣ аз 216 бештар аст, ки онҳо 52 ҳазор коргар доштанд. Бо ёрии моддӣ ва техникии Иттифоқи Советӣ зиёда аз 120 корхонаи саноатӣ сохта шудааст.

Дар А. с. 1960 аз Кушка (СССР) то Тургундӣ шоҳаи 7-километраи р. о. сохта шуд. Нақлиёти асосӣ автомобиль аст. Тӯли роҳҳои мошингард — 18,3 ҳаз. км (роҳҳои мошингарди Кобул — Шерхон, Кушка — Ҳирот — Қандаҳор, Пули Хумрӣ—Мазори Шариф — Шибирғон бо ёрии СССР сохта шудаанд). Барои ҳамлу нақл уштур, асп ва хар васеъ истифода мешавад. Дарьёи Аму (Панҷ) киштигард аст. Бандарҳои асосӣ: Шерхон, Келиф, Тошгузар, Ҳайратон. Аэропортҳои Кобул ва Қандаҳор аҳамияти байналхалқӣ доранд.

Дар экспорти А. мавқеи газ (ба СССР фурӯхта мешавад), пӯсти қарокӯлӣ ва мӯйна калон аст. Ғайр аз ин ба хорича меваи тару хушк ва консерви меваги, пахта, бодом, писта, ҷалғӯза ва ғ. бароварда мешавад. 76% арзиши умумии экспорти А.-ро маҳсулоти х. қ. ташкил медиҳад. Молҳои асосии импорт: маҳсулоти гуногуни саноатӣ, мошин, оҳан, пӯлод ва ғ. А. асосан бо СССР, Ҳиндустон, ШМА, РФГ, Японня, Англия, Покистон, Чехословакия савдо меҳунад. СССР аз А. ғайр аз газ табиӣ пахта, мӯйна, бодом, писта, чарму пӯст низ меҳарад ва дар навбати худ ба А. маҳсулоти саноатӣ, автомобиль ва қисмҳои эҳтиётӣ, маҳсулоти нефть, оҳану пӯлод, газвор, чиниворӣ, қанду шакар, радиоприёмник ва ғ. мефурӯшад.

Воҳиди пул — *афғонӣ*. (100 афғонӣ = 1,66 сӯм (1978).

Қувваҳои мусаллаҳ. Қувваҳои мусаллаҳи А. аз қӯшунҳои хушкигард, ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ иборат буда, ба онҳо вазорати мудофиа роҳбарӣ мекунад. Қӯшунҳои хушкигард аз корпусҳои ҳарбӣ, дивизияҳои пиёдагард, полкҳо ва батальонҳо иборат аст. Барои мудофиаи РДА ва амнияти дохили мамлакат ташкилоти махсус ташкил карда шуд. Ба хизмати ҳарбӣ ҷавонони 22-сола даъват карда мешаванд. Мӯҳлати хизмати ҳарбӣ ду сол мебошад.

Нигаҳдории тандурустӣ. То с. 1919 дар А. ҳамагӣ 1 касалхонаи мардона ва якчанд касалхонаҳои ҳарбӣ буд. Тараққиёти минбаъдаи нигаҳдории тандурустӣ танҳо баъди эълон шудани истиқлолияти А. сар шуд. Дар ин кор саҳми духтурони советӣ хеле калон аст. С. 1971 дар А. 937 духтур (1 духтур ба 19 ҳаз. наф. аҳолӣ), 66 касалхонаи давлатӣ (ба 10 ҳаз. наф. 2 кат), 3 касалхонаи шаҳсӣ (1972), 59 маркази бехдоштӣ, 71 поликлиника, 11 диспансер, 12 пункти ёрии тиббӣ, 11 амбулатории сайёр буд. С. 1971 дар муассисаҳои табобатӣ 166 духтури дандон, 157 фармацевт, 485 ҳамшираи шафқат кор мекарданд. Духтурҳоро фак-тҳои тиббии ун-тҳои Кобул ва Ҷалолобод тайёр мекунанд. Ғайр аз ин курсҳои махсусе ҳастанд, ки фельдшеру ҳамшираҳои шафқат тайёр мекунанд. Дар А. пахшавии касалиҳои сироятҳунандаи вабо, домана, сил, табларза, исҳоли хунин ва ғ. тез-тез мушоҳида мешавад. Ба кори муассисаҳои тиббӣ вазорати нигаҳдории тандурустӣ, дар вилоятҳо пунктҳои махсуси тандурустӣ роҳбарӣ мекунанд.

Маориф, илм ва муассисаҳои маданию маърифатӣ. То охирҳои а. 19 дар А. танҳо мактабҳои динӣ вуҷуд доштанд. Аввалин мактаби ғайридинӣ (лицеи Ҳабибия) с. 1903 ташкил ёфт. Асоси системаи имрӯзаи маориф баъди с. 1919 гузошта шуда, ҳоло аз тарафи вазорати маориф идора карда мешавад. Дар мактабҳои ибтидоии РДА таълим ҳатмӣ ва бепул аст. Таълими пулакии мактабҳои миёна ва олӣ низ бекор гардид.

Дар миёнаи солҳои 70-ум қариб 90% аҳолӣ бесавод буд. Таълим ба яке аз забонҳои давлатӣ — пашту ё дарӣ гузашта, забони дуюми давлатӣ ҳатман аз синфи 4 мактаби ибтидоӣ омӯхта мешавад. Дар А. чунин мактабҳо ҳастанд: мактабҳои ибтидоии 6-сола дар шаҳр ва 3-сола дар деҳот; мактабҳои мобайни (мутавассита)-и 3-сола, ки дар назди мактабҳои ибтидоии 6-сола ташкил шудаанд. Хатмкунандагони онҳо ба мактабҳои миёна ва омӯзишгоҳҳои касбӣ дохил мешаванд ё ба кор мераванд. Мӯҳлати таҳсил дар мактабҳои миёна 3 сол аст. Соли таҳсили 1974/75 дар мактабҳои ибтидоӣ зиёда аз 621 ҳаз., мактабҳои мобайнӣ ва миёна — 108,8 ҳаз., омӯзишгоҳҳои касбӣ — 7,3 ҳаз. ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ — зиёда аз 6 ҳаз. наф. хонандагон буданд. Муаллимонро ба-

рои мактабҳои ибтидоӣ омӯзишгоҳҳои 3-солаи педагогӣ, барои мактабҳои мобайнӣ коллеҷҳои педагогӣ ва барои мактабҳои миёна Ун-ти Кобул тайёр мекунад. Талабагони бештар қобилиятнок барои гирифтани маълумоти олӣ аз ҳисоби давлат ба хорича фиристода мешаванд. Дар мамлакат пешравии маълумоти олӣ мушоҳида мешавад. Соли таҳсили 1974/75 шумораи студентони ун-тҳои Кобул (1932) ва Ҷалолобод (1963), Ин-ти политехникии Кобул (бо ёрии СССР сохта шудааст) аз ҳашт ҳаз. наф. ҳам зиёд гардид. Дар А. 8 китобхона (калонтарини онҳо: Китобхонаи оммавии Кобул, таъсисаш с. 1920), 7 музей (калонтарини онҳо: Музеи таърихии мардумшиносии Кобул, таъсисаш с. 1918) ҳаст. Аввалин муассисаҳои илмии А. дар арафаи ҷанги дуюми ҷаҳонии 1939—45 ба вуҷуд омаданд. Мутахассисони миллии соҳаи илмҳои табиӣ ва техникӣ дар Ун-ти Кобул тайёр карда мешаванд. Дар тайёр кардани кадрҳои илмии техникӣ ба А. Иттифоқи Советӣ кӯмаки зиёд мерасонад. С. 1959 дар Кобул Комиссияи оид ба истифодаи энергияи атом ташкил карда шуд. С. 1963 дар байни СССР ва А. доир ба сохтани реактори атомӣ бо мақсадҳои таълимӣ ва ҳосил кардани изотоп барои тадқиқоти лабораторӣ шартнома имзо карда шуд. С. 1960 дар Кобул маркази илмии химиявӣ ташкил гардид. Муассисаҳои махсуси ТДМ, алалхусус ЮНЕСКО, дар А. якчанд лабораторияҳои илмӣ сохтанд. Корҳои илмӣ дар соҳаи таърих, иқтисодиёт ва филология дар марказҳои илмии «Анҷумани таърих» (таъсисаш с. 1942), Академияи «Пашту толина» (таъсисаш с. 1937) ва Ун-ти Кобул бурда мешаванд. Ҳукумати А. барои гузарондани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи геология, гидрология, х. қ. ва тиб низ чораҳо дида истодааст. Ба ҳамин мақсад ташкил кардани Академияи миллии Афғонистон дар назар дошта шудааст. Натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар журналҳои «Орьёно», «Афғонистон», «Кобул» ва дар шакли монографияҳо чоп карда мешаванд.

Матбуот ва радио. Аввалин газетаи А. «Шамс-ун-нахор» с. 1875 аз чоп баромада буд. Вале асоси матбуоти имрӯзаи А.-ро арбоби намоёни давлатӣ ва маорифпарвар Маҳмуди Тарзӣ с. 1911 бо нашри газетаи «Сироҷ-ул-ахбор» гузоштааст. Ҳоло дар А. қариб 40 газета (муҳимтаринашон: «Ҷумҳурият», «Хивад», «Кобул таймс») ва қариб 40 журнал (аз ҷумла «Ҷумҳурият», «Орьёно», «Жвандун», «Ирфон», «Кобул», «Мирман») чоп мешавад. Радиостанцияи якуми А. с. 1925 сохта шуда буд. Маркази радиошунавонии Кобул (таъсисаш с. 1941) барои аҳолии мамлакат ба забонҳои пашту, дарӣ ва ӯзбекию туркманӣ ва барои хорича ба забонҳои русӣ, англисӣ, урду, арабӣ, немисӣ ва франсавӣ хабарҳо мешунавонад.

Адабиёт. Адабиёти А. ба ду забон — пашту ва дарӣ мебошад. Ба адабиёти таълифӣ таъсири фольклор зиёд аст. Суруду ҳикоя ва достонҳо ҳаёти иҷтимоӣ, расму оин ва орзую умеди халқро инъикос мекунанд. Дар байни мардуми А. ҳикоя ва афсонаҳои ба қаҳрамонҳои халқӣ бахшидашуда хеле машҳуранд. Хусусан шеъру сурудҳои афғонҳо (сандирӣ), тоҷикон (тарона) ва туркманҳо (айдым) ҳамсафари ҳаррӯзаи мардум мебошанд. Адибони Афғонистон ҳам дар инкишофи адабиёти форс-тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд. Чунончӣ, насри мусаҷҷаъ, ки дар гузашта хеле равнаق дошт, тавассути Абдуллоҳи Ансорӣ боз ҳам инкишоф ёфта, ба «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва г. таъсири калон расонд. Саҳми Саноии Ғазнавӣ ҳам дар тараққиёти адабиёти тасаввуфию ақидаҳои ахлоқӣ хеле бузург аст. Ӯро иддаи зиёде аз шоиронӣ мутафаккирони Мовароуннаҳр, Хуросон, Ҳиндустон ва Эрон пайравӣ кардаанд.

Адабиёти пашту забон нисбатан ҷавон буда, қадимтарин асари ба ин забон навишташуда «Тазкират-ул-авлиё»-и Сулаймон Мокуна (то а. 15) ва «ди Шайх Мали дафтар» (1417) мебошад. Дар нимаи дуюми а. 16 ва аввали а. 17 дар байни халқ ҷараёни «равшаниҳо», ки шиори «Дар назди худо ҳама баробаранд»-ро тарғиб мекард, машҳур гашт. Асосгузори ин ҷараён Боязиди Ансорӣ (1525—85) ва пайравони вай таъсири таълимоти фалсафии худро дар адабиёт гузоштанд. Ғайр аз Боязиди Ансорӣ дар ҳаракати равшаниҳо шоирони машҳури а. 17 Мулло Арзонӣ, Мирзо Ансорӣ, Давлати Лоҳонӣ ва диг. иштирок доштанд. Вале баробари пурзӯр шудани муносибатҳои феодалӣ ва афзудани таъсири дини ислом майлҳои демократӣ дар адабиёт торафт суст шуда, чоп онҳоро бештар рӯҳияи динӣ ва ғояҳои тасаввуф ишғол карданд. Ба пешрафти адабиёти А. дар а-ҳои 17—18 Хушҳолхони Хаттак (1613—91), Абдурраҳмони Раҳмонбобо (1632—1708), Абдулҳамиди Мӯҳманд (1660—1732), Козимхони Шайдо (1727—73) ва Темуршоҳи Дурронӣ (ваф. 1793) барин шоирони забардаст саҳми калон гузоштанд. Баъд аз ташкил ёфтани империяи Дурронӣ (1747) адабиёти форсизабони А. боз ҳам тараққӣ мекунад ва дар адабиёти хаттӣ тамоилҳои феодалӣ-аристократӣ торафт мустаҳкамтар мешаванд. Муборизаи қаҳрамононаи халқҳои А. бар зидди мустамликадорони англис назми ватанпарваронаро ба вуҷуд овард. Шоири намоёни а. 19 Ҳамиди Кашмирӣ достони манзуми худ «Акбарнома»-ро (1844) ба итмом расонд. Ин достон ба қаҳрамони халқи афғон — шоҳзода Акбархон, ки ба муборизаи аҳолии Кобул дар ҷанги якуми Англияю Афғонистон сардорӣ кард, бахшида шудааст. Охири а. 19 ва аввали а. 20 адабиёти афғон дар Пишовар нашъунамо ёфт. Ба ташаккули насри имрӯзаи афғон нависандагони пишовурӣ Мавлавӣ Аҳмад (асосгузори жанри ҳикоя), Аҳмадшоҳи Ризвонӣ (1863—1937) саҳми босазое гузоштанд. Аз аввали а. 20 дар адабиёти А. ғояҳои маорифпарварӣ хеле авҷ гирифт. Шоир ва арбоби намоёни давлатӣ Маҳмуди Тарзӣ (1867—1935), Ғулом Муҳиддини Афғон (1891—1921), Абдулҳодии Довӣ (тав. 1895), Абдулло Мустағнӣ (1876—1934) барин суханварон адабиёти афғонро бо мундаричаи граждӣ бой карданд. Дар эҷодиёти насрнависи намоёни афғон Аминуллоҳ Зморёлай (тав. 1894) масъалаҳои иҷтимоӣ ҷои намоёнро ишғол кард. Барои нашъунамои минбаъдаи адабиёти пашту забон ва тарғиби он с. 1937 ташкил шудани «Пашту толина» аҳамияти калон дошт. С. 1947 аз тарафи зиёиён ва нависандагони намоён: Абдурраупфи *Бекаво* (тав. 1913), Гулпочо *Улфат* (тав. 1909), Нурмуҳаммади Таракӣ (1916), Ғуломҳасани Софӣ (1919), Қиёмуддини Ходим (1912) ташкилоти «Ҷавонони бедор» («Виш залмиён») таъсис шуд. Пайравони ин ташкилот идеяҳои тараққипарварона ва аз ақибмонии иқтисодию иҷтимоӣ озод кардани А.-ро ташвиқ мекарданд. Хусусан асарҳои реалистонаи Абдушукур Рашшоди Қандаҳорӣ (1921), Сулаймони Лоиқ (1931), Абдуллоҳи Бахтонӣ (1926), Зиё *Қоризода* (1921), Муҳаммадраҳими Илҳом (1930) ва диг. машҳуранд. Дар эҷодиёти шоирони намоёни даризабон Абдулҳаки *Бетоб* (1888—1969) ва Халилуллоҳи *Халилӣ* (тав. 1907) низ таъсироти ҷиддии мундаричавӣ мушоҳида мешавад. Дар с-ҳои 60 вобаста ба дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии А. мавзӯъҳои адабиёт ҳам ранги нав гирифт, ба ҳаёти иҷтимоии халқ наздиктар шуд. Жанри ҳикоя тараққӣ кард. Нависандагони имрӯзаи афғон кӯшиш доранд, ки адабиётро дар дигаргунсозиҳои ҷамъиятӣ ва беҳбудии ҳаёти халқ чун қувваи фаъол истифода намоянд. Тарғиботчиёни фаъоли ин равия Муҳаммад Момани Патвол, Саид Эҳсонуллоҳи Хайр, Муҳаммад Юсуфи Сапӣ ва диг. мебошанд. Ҷиҳати муҳимми адабиёти реалистонаи с-ҳои 60-ум ва аввали 70 аз он иборат аст, ки нависандагон сабабҳои бадбахтиро на дар қисмату тақдир, балки дар нозгории ҳаёти иҷтимоӣ мебинанд. Персонажҳои асосии очерку ҳикоя ва асарҳои публицистӣ мисли пештара асосан деҳқонон ва заминдоронанд. Вале деҳқон ҳоло дигар шуда, барои муҳофизаати ҳуқуқҳои худ муборизаи мебарад ва дар ҳалли ин конфликт ҳусни таваҷҷӯҳи нависандагон ба тарафи деҳқон мебошад. Дар

адабиёти имрӯзаи А. мавзӯи синфи коргар, мақому маромн он дар эҷодиёти шоир Борис Шафеи (1932) ҷои махсусро ишғол мекунад. Солҳои охир робитаҳои адабию илмии Тоҷикистону А. низ хеле ривоҷ гирифт. Журналу газетаҳои А. асарҳои шоирону олимони тоҷикро чоп намуда, дар боби ҳаёту эҷодиёти С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва диг. мақолаҳо нашр карданд. Дар Тоҷикистон ҳам намунаи ашъори Халилуллоҳи Халилӣ, Саид Эҳсонуллоҳи Хайр, Абдуллоҳи Бахтонӣ, Моили Ҳиравӣ, ҳикояҳои Гулпочо Улфат, афсонаи драмавии Хуғиёни Абдурауфи Қотил ва диг. ба табъ расиданд. Ғайр аз ин як қатор асарҳои олимони тоҷик роҷеъ ба А. низ чоп шуданд. Чунончӣ: «Намунаи зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикону ӯзбекони вилояти Қатағани Афғонистон», «Афсонаҳо дар Афғонистон», «Оид ба фольклори тоҷикони Афғонистон», «Зарбулмасалҳои форсӣ дар Афғонистон», «Гӯрӯғлии тоҷикони Афғонистон» ва ғ. дастраси хонандагони тоҷик гардид.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Ёдгориҳои меъморӣ ва санъати тасвирии А. таърихи чандинҳазорсола дорад. Чунончи, Балх «Модари шаҳрҳо» («Умм-ул-билод») ном дорад ва аз ҷиҳати сарвату аҳолӣ аз Бобулу Найнаво монданӣ надошт; ш. Бомиён бо муҷассамаҳои Буддо, ки дар кӯҳҳои азим тасвир ёфтаанд ва бо вайронаҳои дайрҳои мутааддид машҳури олам гаштааст; Ҳаддо яке аз марказҳои сабки қандаҳории санъат буда, ҳамаро дар ҳайрат мегузорад. А. ганҷинаи аҷоиби археологист, ки ганҷи он ҳанӯз кам дастрасти илми ҳозиразамон гаштааст. Ҳафриёти археологиро дар А. олимони франсавӣ, италиявӣ, америкоӣ, англис ва солҳои охир олимони советӣ В. И. Сарианиди, У. Пӯлодов, А. Ҷ. Бобоев, А. Мирбобоев бо роҳбарии И. Т. Кругликова мебаранд. Ҳафриёти Балх осори ганҷинаи маданияти Юнону Бохтарро, ки ҳоло ҳам дар замин маҳфузанд, ошкор кард. Роҷеъ ба водии Баграми Кӯҳистон, ки дар он ҷо шаҳри машҳури Каписа воқеъ буда, онро Бат-

Табақи нақшин. Асрҳои 11—12. Музеи Кобул.

Сари Буддо. Асри 3. Музеи Кобул.

лимус (Птолемей) ва дар а. 7 сайёҳи хитой Сюань Цзань тасвир кардаанд, низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Дайрҳои буддоӣ, ки дар ҷойҳои мухталифи мамлакат ёфта шудаанд, на фақат ҳамчун ёдгориҳои археологӣ ва таърихӣ, балки аз нуқтаи назари таърихи санъат ҳам қимати зиёд доранд. Маркази равияи машҳури ҳайкалтарошӣ, ки дар он реализми юнонию тасаввуфи ҳиндӣ ба ҳам омезиш ёфта, сабки қандаҳорӣ номида мешуд, Ҳаддо (дар масофаи 8 км. аз Ҷалолобод) буд. Меъморӣ ва санъати тасвирии даврои қадим ва асримиёнагии А. бо анъанаҳои санъати бадеии Осиёи Миёна, Эрон ва қисман Ҳиндустон алоқаи зич дорад (шаҳрҳои мустаҳкам, қасру масҷид ва мақбараҳои аз хишти пухта сохташуда ва бо нақшу нигорҳои гуногун ороёфта). Ёдгориҳои машҳуртарини а-ҳои 11—15 инҳо мебошанд: қасри Лашкаргоҳ дар Буст, манораҳои Ғазна ва назди деҳаи Ҷом, масҷиди Ҷомеи Ҳирот, мақбараҳои Гавҳаршод дар Ҳирот ва Хӯҷа Абӯнасри Порсо дар Балх ва ғ. Санъати тасвирӣ асосан бо минётураи мактаби Ҳироти ав. а. 15 (аз ҷумла «Шоҳнома», 1430, қасри Гулистон дар Теҳрон), эҷодиёти Камолуддини Беҳзод ва шогирдаш Қосими Алӣ машҳур аст. Дар давоми асрҳо дар А. санъати амалӣ — заргарӣ, кулолӣ ва қолинбофӣ тараққӣ мекард. Дар тараққиёти санъати миллии имрӯзаи А. мактаби тасвирӣ ва ҳунармандии Кобул (таъсисаш с. 1921) роли калон бозид. Дар асарҳои рассомони машҳури А. Абдулғафур Брешно, Ғавсуддин, Хайр Муҳаммад ва диг. ҳаёту зиндагӣ ва муборизаи озодихоҳонаи халқҳои афғон акс ёфтаанд.

Портретнавис Ҳумоюн Эҳтимодӣ, ҳайкалтарошон Муҳаммад Ҳайдар ва Муҳаммадризо Қандаҳорӣ бо асарҳои гуногунжанри худ машҳуранд. Ҳар сол дар А. намоиши асарҳои санъаткорон гузаронда шуда, бехтарини онҳо дар намоишгоҳҳои байналхалқӣ иштирок мекунанд. Мас.,

с. 1961 санъати тасвирии А. дар Москва, с. 1972 дар Душанбе (асарҳои Абдулғафур Брешно) намоиш дода шуд.

Мусиқӣ. Санъати мусиқии А. ба худ хос буда, дар он маданияти мусиқии афғонҳо, тоҷикон, ӯзбекҳо, туркманҳо, балучҳо ва ғ. омезиш ёфтааст. Ғайр аз ин оҳангҳои халқии ҳиндӣ ва эронӣ низ таъсири калон доранд. Решаҳои таърихии мусиқии касбии А. ба а-ҳои 8—6 то м. мерасад, ки он бо оҳанги расму оини динӣ вобаста буд. Баъдҳо ҳофизон ва машшоқони дарбор системаи нотаи форсиро қабул карданд. Дар мусиқии А. дубайтӣ, чорбайтӣ, ғазал ва мисли онҳо ҷои намоёнро ишғол мекунанд. Аз асбобҳои мусиқӣ: танбӯр, рубоб, ғижжак, сантӯр, чанг, сурнай, нақора машҳуранд. Аз ҳофизон ва бастакорони намоёни А. устод Ғуломҳусайн, устод Муҳаммад Умар, Ҳафизуллоҳи Хаёл,

«Арӯс аз Бомиён». Амали рассом А. Брешно.

Абдуҷалили Залонд, Салими Сармаст, Фитрати Ношинос ва Зоҳири Ҳувайдоро номбар кардан мумкин аст. Аз с. 1941 инҷониб редакцияи мусиқии радиои Кобул маркази мусиқии касбии гашт. С. 1965 дар назди радиои А. аввалин мактаби мусиқӣ таъсис ёфт. Академияи афғон аввалин маҷмӯаи сурудҳои афғониро («Пашту ни сандарӣ») нашр намуд. Дар мамлакат барои тараққиёти минбаъдаи мусиқи шароити хуб муҳайёст. Ба ин фаъолияти Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои маданиии А. ва Иттифоқи Советӣ ва шӯъбаи тоҷикистонии он кӯмак мекунад. Қариб ҳар сол санъаткорони тоҷику афғон меҳмони якдигар мешаванд. Ходимони санъати тоҷик Меҳ-

рубон Назаров, Азиза Азимова, Шамсӣ Қиёмов, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Усмон Мадьёров дар ташкил ва тараққии театри касбию оркестри радиои Кобул ба ҳамкасбони афғонии худ кӯмак расонидаанд.

Театр. Намоишҳои театрии оммавӣ дар А. а-ҳои 10—12 ташкил мешуданд. Дар байни халқ сурнайчиён, лӯхтакбозон, морбозҳо бисьёр шӯҳрат доштанд. Санъати театрии ҳозиразамони А. баъди с. 1919 шурӯъ мешавад. Аввалин театри ҳаваскорон дар Паґмон ба вуҷуд омад. Дар саҳнаи театрҳои ҳаваскорон пьесаҳои дорои мазмуни маорифпарварӣ гузошта мешуданд. Дар асоси театрҳои сайёри ҳаваскорон минбаъд коллективҳои доимии драмавӣ ташкил шуданд. Ҳоло дар А. ду театри касбӣ мавҷуд аст: «Пуҳани нандорӣ» (таъсисаш с-ҳои 40-ум) ва «ди Кобул нандорӣ» (1947). Дар донишкадаҳо дастаҳои ҳаваскорони санъат мавҷуданд. С. 1959 аввалин маротиба дар саҳнаи театри А. зан баромад кард (то ин вақт роли занро мардҳо иҷро мекарданд). Дар ҳамин вақт драматургияи афғон ташаккул меёбад. Дар асарҳои Рашиди Латифӣ, Муҳаммадалии Равнақ, Абдулқаюми Бесид ва диг. кӯшиш карда мешавад, ки ҳаёти табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар саҳнаи театр акс ёбад, масъалаҳои ҷиддӣ ва муҳимми замонавӣ боиси баҳс қарор гиранд. Театрҳои А. асарҳои драматургҳои машҳури классикии рус ва советӣ, Европаи Ғарбӣ ва Америкаро ба саҳна мегузоранд.

Харитаро ниг. дар саҳ. 320—321.

Ад.: Храмович Р. Т., В. И. Ленин и борьба Афганистана за независимость, дар маҷм.: Ленин и Восток, М., 1960; Гонковский Ю. В., Империя Дуррани, М., 1958; Герасимова А., Гирс Г., Литература Афганистана, М., 1963; Давыдов А. Д., Черняховская Н. И., Афганистан, М., 1973; Зарипов Ш., Производительные силы сельского хозяйства в современном Афганистане, Д., 1973; Массон В. М., Ромодин В. А., История Афганистана, т. 1—2, М., 1964—65; Сеид Касем Риштия, Афганистан в XIX в., пер. с перс., М., 1958; Советско-афганские отношения (1919—69 гг.), М., 1971; Беляев В., Афганская народная музыка, М., 1960; Назаров Х., Народные и просветительно-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков), Д. 1976.
محمود الحسيني المنشي ابن ابراهيم العامي، تاريخ احمد شاهي، ج. ۱ ـ ۲، مسكو، ۱۹۷٤، بچاپ تيارکننده د. س. سيدمرادوف.

Д. Саидмуродов.

АФҒОНӢ افغاني воҳиди пули Афғонистон. С. 1926 ба ҷои рупияи Кобул ҷорӣ шуд. Мувофиқи қурби Банки давлатии СССР (февр. 1978) 100 А. 1 сӯму 66 тин.

АФҒОНҲО افغانها паштунҳо (пухтунҳо), халқ, аҳолии Афғонистон. Ватани аслиашон доманаи к-ҳои Сулаймон буда, аз қадим ба чорводорӣ машғуланд. Бо мурури замон дар Ҷан. Ш. Афғонистон аз вил. Нангарҳор то Қандаҳор ва қисмати шим. ғарбии Покистон аз Пешовар то Кветта маскан гирифтанд. Шумораи умумиашон аниқ нест. Тақрибан 14 млн наф. (1972), ки нисфашон дар Покистон зиндагӣ мекунанд. Диндорон мусулмонанд. Ба *забони пашту* гап мезананд. Истилоҳи «Афғон» аввалин бор дар сарчашмаҳои таърихии а-ҳои 6—7 ёдовар мешавад. Қабилаҳои сершумори А. то а-ҳои 13—14 бодиянишин буда, сохти ҷамъияти ибтидоиро аз сар мегузаронидаанд. Дар натиҷаи таназзули сохти феодалӣ ва тараққиёти муносибатҳои капиталистӣ ҳисси ватандӯстӣ ва озодихоҳии А. беш аз пеш қувват гирифта, боиси ташаккул ёфтани миллати афғон гардид, лекин ин процесс ҳанӯз ба анҷом нарасидааст, зеро боқимондаҳои ҷамъияти феодалӣ, инчунин оқибатҳои вазнини сиёсати мустамликадории давлатҳои капиталистӣ ба он халал мерасонанд. А. ба ду шохаи асосӣ—ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо мешаванд. Шохаи ғарбӣ аз дуррониҳо, ғилзоиҳо, юсуфзоиҳо, шохаи шарқӣ аз карраниҳо, вазириҳо, дауриҳо иборат аст, ки ҳар кадоми он чандин қавму қабиларо дар бар мегирад. Мувофиқи конституцияи с. 1977 забонҳои пашту ва дарӣ давлатӣ шумурда мешаванд. А. дорои маданияти бой ва қадима мебошанд.

А. халқи заҳматкаш, озодидӯст ва ниҳоят меҳмоннавоз мебошанд ва анъанаҳои миллии худро пайваста идома медиҳанд. Рочеъ ба таърих, хоҷагӣ ва маданияти А. ниг. *Афғонистон.*

Х. Назаров.

АФҚАР افقر Мулло Маҳмудҳоҷаи Бухорӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири тоҷик, дар нимаи дуюми а. 19 ва аввали а. 20 умр ба сар бурдааст. Дар тазкираи *Афзал Маҳдуми Пирмастӣ* марди куҳансоле будани А. қайд шудааст. А. илмҳои расмиро дар Бухоро омӯхта, ҳунари наққошӣ, лавҳакашӣ ва хаттотиро низ аз худ намуда, дар ҳар яки он устоди моҳир будааст. Шоир ба Ҳиҷоз сафар карда, бисьёр шаҳрҳои Арабистонро дида, бо аҳли фазлу ҳунар мулоқот доштааст. А. ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ қасида, ғазал, маснавӣ ва диг. ашъори баландсанъати зиёд доштааст. Бо унвони «Хамса ашара» (Понздаҳ) маснавие доштааст иборат аз ҳикоёту ривоёти марғуб, ки ҳар ҳикояти онро дар 15 байт ғунҷондааст. Аммо ин маснавӣ ва аксари мероси адабиаш имрӯз пайдо нест. Қисме аз ғазал ва қасидаҳояш дар баёзу тазкираҳои давр дучор меоянд.

Т. Неъматзода.

АХБОР, ахборот (ар. اخبارات اخبار — ҷамъи خبر — огоҳӣ, баёнот, маълумот), маълумотест, ки аз тарафи шахсе ба шахси дигаре шифоҳӣ, хаттӣ ё ба воситаи диг. (мас., бо ёрии аломатҳои шартӣ, истифодаи воситаҳои техникӣ ва ғ.) мерасад.

Ахбори ҷамъиятӣ-сиёсӣ, маҷмӯи хабарҳо дар бораи навигариҳои муҳимми ҳаёти дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба туфайли воситаҳои алоқаи оммавӣ паҳн шуда, шунавандагонро бо фактҳо, ҳодисаҳо, процессҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, маданӣ ва ғ.-и ҷамъият шинос менамояд. Дар ҷамъияти социалистӣ аз А. талаб менамоянд, ки фактҳои дуруст интихобшударо дақиқ ва ҳаққонӣ баён кунад, ҳодиса ва процессҳои ҳаёти иҷтимоиро дар асоси методологияи марксистӣ-ленинӣ ва принципи партиявият объективона шарҳ диҳад. Партияи коммунистӣ бо мақсади иштироки бошуурона ва фаъолонаи меҳнаткашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ба масъалаи аз ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъият бохабар будани онҳо ва аз онҳо расидани А.-и ҳақиқӣ ва арзишгузор доир ба ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, маданият ва афкори ҷамъиятӣ диққати махсус медиҳад.

Пропагандаи буржуазӣ бо мақсади ба тарафи худ кашидани омма методҳои дезинформацияро васеъ ба кор мебарад, фактҳо ва моҳияти ҳодисаҳоро нодуруст баён карда, маълумотҳои муҳимро пинҳон медорад, ахбори ҳангомадорро дар бораи ҳодисаҳои камаҳамият паҳн мекунад.

Дар журналистика шаклҳои асосии нақли фаврии А. жанрҳои информационии *публицистика*—хроника, қайдҳо, репортаж, ҳисобот, мубоҳиса, шарҳҳо мебошанд. Ниг. низ *Информация.*

Ад.: Бровиков В. И., Попович И. В., Современные проблемы политической информации и агитации, М., 1969; Панцхава И. Д., Бычков Б. Б., 25 съезд КПСС и вопросы социальной информации, М., 1977.

АХБОРИЁН (аз اخبار — ҷамъи хабар), пайравони шиаи исноашарӣ (ниг. *Исноашария*), ки масъалаҳои диниро дар асоси ҳадиси пайғамбар Муҳаммад ва таълимоти фирқаи *имомия* ҳал мекунанд. А. бар хилофи аҳли сунна ахбори худро доранд. Мувофиқи таълимоти онҳо хабар 4 хел мешавад; 1) хабари саҳеҳ, ки гӯяндаи он одил ва пайравии шиаи исноашарист; 2) хабари ҳасан, ки гӯяндаи он одил ва шиаи имомӣ буданаш шарт нест; 3) хабари мувассиқ, ки гӯяндаи он одил ва шиаи имомӣ нест; 4) хабари заиф, ки гӯяндаи он дурӯғгӯ ва фосиқ аст.

А. Муҳаммадҳоҷаев.

АХБОРОТИ АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН, журналҳои илмию назариявие, ки аз тарафи се шӯъбаи АФ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар се моҳ як бор чоп мешаванд.

1. Журнали шӯъбаи фанҳои физикаю математика ва геологияю химия дар ҳаҷми 8 ҷузъи чопӣ бо тиражи 600 нусха ба табъ мерасад. Сармуҳаррираш акад. АФ РСС Тоҷ. Р. Б. Баротов.

2. Журнали шӯъбаи фанҳои биологӣ дар ҳаҷми 7 ҷузъи чопӣ бо тиражи 690 нусха нашр мешавад. Сармуҳаррираш акад. АФ РСС Тоҷ. М. Н. Нарзиқулов.

3. Журнали шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ дар ҳаҷми 8 ҷузъи чопӣ бо тиражи 600 нусха чоп мешавад. Сармуҳаррираш акад. АФ РСС Тоҷ. С. А. Раҷабов.

Журналҳои ҳар се шӯъба воситаи оммавии ахбороти илмӣ ба шумор мераванд. Дар саҳифаҳои онҳо олимони АФ ва олимони диг. муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии республика, муаллимони мактабҳои олӣ ва аспирантҳо бо мақолаҳои худ баромад мекунанд.

Ин нашрияҳо барои олимон, муаллимони мактабҳои олию миёна, лекторону пропагандистҳо ва барои ҳамаи онҳое, ки ба пешрафти илму прогресси техникаи Тоҷикистон шавку рағбат доранд, ҳамчун воситаи оммавии ахбороти илмӣ хизмат мекунанд. *А. Моргунов.*

АХВЛЕДИАНИ Георгий Саридонович (13. 4. 1887, деҳаи Дерчи наздики Кутаиси — 7. 7. 1973), забоншинос ва шарқшиноси советӣ. Аъзо-корр. АФ СССР (1939). Акад. АФ РСС Гурҷ. (1941). Ун-тҳои Харьков ва Петроградро хатм кардааст. Яке аз таъсискунандагони Ун-ти Тбилиси. Асосан дар соҳаи ҳиндуэроншиносӣ, аз ҷумла осетиншиносӣ («Асарҳои мунтахаби доир ба забони осетинӣ», ҷ. 1, 1960), кавказшиносии умумӣ («Масъалаҳои фонетикаи умумӣ ва гурҷӣ», 1938) тадқиқот бурдааст. Инчунин мутахассиси соҳаи назария ва амалияи логопедия буд. Барои мактабҳои олӣ ва миёна низ чанд асар таълиф кардааст. *Б. Бобохонов.*

АХЕЙҲО, яке аз қабилаҳои асосии Юнони Қадим, сараввал дар Фессалия (Юнони Шимолӣ), ибтидои ҳазорсолаи 2-юми то м. дар Пелопоннес ва баъзе ҷаз-ҳои б. Эгей маскун шуданд. А-ҳои 17—16 то м. А. давлатҳои аввалини синфии Микенне, Пилос ва ғ. ташкил дода, а-ҳои 15—13 то м. ба авҷи тараққиёти иқтисодӣ ва сиёсӣ расиданд. А. дар таъриҳи Юнони Қадим мавқеи намоён доштанд, аз ин рӯ диг. қабилаҳои юнонӣ низ аслашонро бо онҳо пайваста, худро А. меномиданд. Нимаи а. 13 то м. баъди *Ҷанги Троя* давлатҳои А. суст шуданд. Бо ҳуҷуми дориҳо ва диг. қабилаҳо иқтидор ва мавқеи онҳо таназзул ёфт. Қисми А. дар Осиёи Хурд, Кипр ва диг. ҷаз.-ҳо, дар Пелопоннес ба Шим. ташриф карда шуданд ва дар назди хал. Коринф вилояти мустақили Ахайяро ташкил намуданд. Бо гузашти давр мавқеи онҳо тадричан мустаҳкам мешуд ва баъди с. 280 то м. полисҳои А. ба *«Иттифоқи Ахея»* муттаҳид шуда, борҳо ба истилогарони юнону мақдуни муқобилати сахт нишон доданд.

АХИЛИЯ (аз *а*... ва юн. chylós — шира), кислотаи хлорид ва ферменти *пепсин* надоштани шираи меъда. А. органикӣ ва функционалӣ мешавад. Ҳангоми А.-и органикӣ бофтаҳои ғадуди меъда табоҳ шуда, меъда шира ҷудо карда наметавонад. А. касалии пардаи луобии меъда (атрофияи ғадуди меъда) ё зоҳиршавии диг. бемориҳо (сил, баъзе хелҳои камхунӣ ва ғ.) аст. А.-и функционалӣ дар натиҷаи осеб-ҳои шадиди асабию рӯҳӣ, таъсири моддаҳои заҳрнок ва ғ. сар мезанад. Ҳангоми он кори ғадудҳои ҳазми хӯрок муваққатан суст мешавад. Аломати асосии А. бад шудани ҳазми хӯрок аст, ки дар натиҷаи он бемор гоҳ-гоҳ дарунрав мешавад.

Муолиҷа: бартараф намудани сабабҳои пайдоиши А., хӯрдани хӯрокҳои хушҳазм, истеъмоли шираи меъда, витамини С; табобати курортӣ ва ғ.

АХЛОҚ (ар. اخلاق — ҷамъи خُلق — хӯ, рафтору кирдор, сират), яке аз *шаклҳои шуури ҷамъиятӣ*, маҷмӯи норма ва қоидаҳои асосии муносибати байни ҳамдигарӣ, оилавӣ ва ҷамъиятии одамон. А. ва қонунҳои инкишофи онро *этика* меомӯзад. А. дар ҷамъияти ибтидоӣ дар муборизаи зидди офатҳои табиат ба вуҷуд омадааст. Бе ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигар одамони ҷамъияти ибтидоӣ зиндагӣ карда наметавонистанд. Бинобар ин А. барои ба тартиб андохтани муносибатҳои байни одамон омили муҳим буд. Мазмуни А.-ро муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, базиси иқтисодӣ муайян мекунад. Баробари тағйир ёфтани базис тасаввуроти одами ҷамъияти синфӣ дар бораи *адолат*, некӣ ва бадӣ ҳам тағйир меёбад. То пайдоиши моликияти хусусӣ, ба гуфтаи Ф. Энгельс, насиҳати «дуздӣ макун» вуҷуд надошт. А. мустақилияти нисбӣ дорад: а) А. ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ фаъолона таъсир расонда, тараққиёти онро метавонад тезонад ё суст кунад; б) нормаҳои алоҳидаи ахлоқии як формацияи ҷамъиятӣ мумкин аст дар формацияи диг. ҳам то муддати муайян нигоҳ дошта шавад; в) А.-и муайяни як формация аз заминаи иҷтимоияш ҷудо шуда, пеш рафта, нормаҳои ахлоқии формацияи ояндаро ифода карда метавонад. А. дар рафти тараққиёти таъриҳӣ тағйир меёбад. Баробари пайдо шудани ҷамъияти синфӣ А. ҳам хусусияти синфӣ пайдо мекунад ва манфиати синфҳои муайян (ғуломдорону ғуломон, феодалу деҳқонони крепостной, буржуа ва пролетариат)-ро ифода мекунад. Мас., А.-и буржуазӣ муносибатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷамъияти капиталистиро қонунӣ ва одилона ҳисоб карда, худбинӣ ва парастиши моликияти хусусиро ҳимоя мекунад. «Ҳаман ин гуна хулқу одобро, ки аз маҳҳуми берун аз инсон, берун аз синф гирифта шудааст, мо рад мекунем. Мо мегӯем, ки ин фиреб аст, ин қаллобӣ ва гиҷ кардани майнаи коргарон ва деҳқонон ба манфиати помещикон ва капиталистон аст» (Ленин В. И., Ас., ҷ. 31, саҳ. 301—302). «Коммунистон ахлоқи синфии истисморгаронро рад намуда, ба ақидаю урфу одатҳои бадахлоқона ва худпарастонаи ҷаҳони кӯҳна ахлоқи коммунистиро муқобил мегузоранд, ки вай ахлоқи одилонатарин ва начибонатарин буда, манфиатҳо ва идеалҳои тамоми инсонияти меҳнаткашро ифода мекунад» (Программаи КПСС, Д., 1972, саҳ. 123). А. бо сиёсат, ҳуқуқ, санъат, фалсафа, дин барин шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ зич алоқаманд аст. Ҳуқуқ ҳам мисли А. нормаҳои муносибати байни одамонро меомӯзад. Давлат баъзе нормаҳои ҳуқуқро ба ҳукми қонун даровардa, дар ичрои онҳо ба органҳои давлатӣ ва қувваи ҳокимият такья мекунад. А. бо ёрии *афкори умум* рион карда мешавад ва ба он такья мекунад. Дар ҳар А.-и синфӣ ҷиҳатҳои А.-и умумиинсонӣ мавҷуд аст. А. некӣ, бадӣ, адолат, бахт, виҷдон, шӯҳратпарастӣ, ҳисси коллективизм барин категорияҳои умумӣ дорад. Ҳар А. дорои принципҳои ба худ хос аст: мас., индивидуализм яке аз хусусиятҳои асосии А. буржуазӣ мебошад. Садоқат ба кори коммунизм, ватандӯстии советӣ, муносибати коммунистӣ ба меҳнат ва ғ. принципҳои асосии А. коммунистианд. Ахлоқи ҳамон синф А.-и ҳақиқист, ки он ба талаботи тараққиёти иҷтимоӣ мувофиқ буда, тараққиёти таъриҳиро ифода кунад. Дар давраи пайдоиши капитализм А.-и буржуазӣ нисбат ба А.-и феодалӣ хусусияти прогрессивӣ дошт. Баъд А.-и буржуазӣ ҳомии муносибатҳои ичкирозиёбандаи капиталистӣ шуда монд. Баробари таназзули А.-и буржуазӣ дар арсаи таъриҳ А.-и прогрессивӣ — А.-и пролетарӣ пайдо шуд. А.-и коммунистӣ дар асоси А.-и пролетарӣ ба вуҷуд омадааст. А.-и коммунистӣ нормаҳои асосии ахлоқи умумиинсониро, ки оммаи халқ дар давоми ҳазорҳо сол дар муборизаи зидди зулми иҷтимоӣ ва иллатҳои ахлоқӣ ҳосил кардаанд, дар бар мегирад. Ин А. дараҷаи олии инкишофи А., идеали ахлоқии инсонияти тараққипарвар мебошад. А.-и коммунистӣ ифодакунандаи намунаи рафтору кирдор ва муносибати инсонӣ мебошад, ки В. И. Ленин онро «мӯъҷизаи олии маънавӣ» номидааст. Принципҳои асосии А. коммунистӣ дар *кодекси ахлоқи бинокори коммунизм* нишон дода шудаанд. А. коммунистӣ воситаи пурзӯри дар рӯҳи ҷаҳонбинии коммунистӣ тарбия кардани омма ва ба ғалабаи коммунизм сафарбар намудани меҳнаткашон мебошад.

«АХЛОҚИ МӮҲСИНӢ» اخلاق محسنی — асари панду ахлоқии нависандаи а. 15 Ҳусайни Воизи Кошифист, ки с-ҳои 1500—1501 навишта шудааст. «А. М.» ба Абдулмӯҳсин Мирзо—писари Ҳусайни Бойқаро бахшида шудааст. «А. М.» аз муқаддима ва 40 боб: дар ибодат, ихлос, шукр, сабр, ризо, та-

ваккул, ҳаё, иффат, адаб, ҳиммат, азм, ҷидду ҷаҳд, субот, адл, афв, ҳилм, хулқу рифқ (некӣ) ва нармӣ, шафқат ва марҳамат, ҳайрат, саховат ва эҳсон, тавозӯъ ва эҳтиром, амонат ва диёнат, вафо ба аҳд, сидқ, ҳоҷатбарорӣ, таанӣ ва тааммул, мушоварот, дурандешӣ, шуҷоат, ғайрат, сиёсат, фиросат, иғтиноми фурсат (ғанимат донистани фурсат), талаби некномӣ, риояти ҳуқуқ ва г. иборат аст. Муаллиф барои давлатдории шоҳ донистани ин сифатҳоро ҳатмӣ мешуморад, дар ҳар боби асар доир ба ягон масъала нуқтаи назари шахсии худро баён карда, барои таъсирбахштар шудани он ҳикояту риваятҳои таърихию воқеӣ меорад. Ӯ гоҳо дар зимни ҳикоятҳо бо рамз ё ошкоро қашшоқии мардум, авҷ гирифтани ҷабру зулм, бадахлоқию бадкирдории табақаҳои болоиро нишон медиҳад ва роҳҳои барҳам додани нобаробариро ҷустуҷӯ мекунад. «А. М.» дар байни хонандагон хеле машҳур буда, чанд бор ба табъ расида ва ба забони ӯзбекӣ низ тарҷума шудааст. *С. Воҳидов.*

«АХЛОҚИ НОСИРӢ» اخلاق ناصری асари Насируддини Тӯсист, ки с. 1235 таълиф шуда, аз фалсафаи амалӣ баҳс мекунад. Китоб аз се мақола иборат аст: 1. «Таҳзиби ахлоқ», шарҳи масъалаҳои ахлоқ, назарияи маърифат ва психологияро дар бар мегирад. Муаллиф назарияи фитрӣ будани ахлоқро рад карда, қайд мекунад, ки он бо таъсири муҳит ва таълиму тарбия тағьир меёбад. 2. «Тадбири манзил», пайдоиши оила ва муносибатҳои оилавиро мавриди тадқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ сабабҳои пайдоиши оиларо дар зарурати таъмини маош, муҳофизати молу мулк ва бардавомии насли башар ҷустааст. Нуқтаи назари ӯ дар бораи муносибати зану шавҳар, фарзандон, хоҷаву хизматгор аз маҳдудиятҳои таърихӣ холӣ нест. Вале ақидаи муаллиф оид ба пос доштани хотири кӯҳансолон, падару модар, таъмини хушҳолии зан ва адолату шафқат нисбат ба ӯ ҷиҳатҳои пешқадами таълимоташро ташкил медиҳанд. 3. «Тадбири мудун», ки дар ин фасл ақидаҳои иҷтимоию сиёсии муҳаққиқ баён шудааст. Ба ақидаи ӯ эҳтиёҷоти ҳаётии аҳли ҷамъият (пӯшок, хӯрок ва ғ.) бе ёрии ҳамдигар рафъ намешавад. Онҳо маҷбуранд, ки муттаҳид шаванд ва ҳамин иттиҳоди одамон ҷамъият (мадина, ҷамъаш мудун) аст. Ба ақидаи Насируддин ҷамъият чанд навъ ва хел дорад, ки беҳтаринаш ҷамъияти (мадина)-и ҳуррият аст; аъзоёни ин гуна ҷамъият комилҳуқуқ ва озоданд. Мардум танҳо дар ин гуна ҷамъият саодатманд шуда метавонад. Дар ин мақола утопияи иҷтимоии муҳаққиқ ифода ёфтааст. Дар «А. Н.» ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии Форобӣ, Ибни Мискавейҳ, Ибни Сино ва диг. ҷамъбаст ва тараққӣ ёфтааст. Ин асар ба инкишофи минбаъдаи фалсафаи амалӣ таъсири амиқ бахшид, ки *«Ахлоқи Ҷалолӣ»* далели он аст. *М. Диноршоев.*

«АХЛОҚИ ҶАЛОЛӢ» اخلاق جلالی (номи ҷурраяш «Лавомеъ-ул-ишроқ фимакорим-ил-ахлоқ»), асари Ҷалолуддини *Давонӣ* дар боби ҳикмати амалӣ, ки с. 1475 таълиф шудааст. Китоб аз 3 фасл: таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун иборат аст. Дар хотима васиятҳои Афлотуну Арасту ба китоб афзуда шудааст. Муаллифи «А. Ҷ.» дар фасли якум фитрӣ будани хулқи инсонро рад карда, бо таъсири таълиму тарбия тағьир ёфтани онро қайд кардааст. Илми ахлоқ бо тиб қиёс шудааст: тиб барои ҳифзи сиҳҳат зарур бошад, тарбияи ахлоқ нафси инсонро аз ҷабру ҷаҳлу ғазаб ва диг. хислатҳои замима эмин ҳоҳад дошт. Азбаски хӯроку пӯшоки инсон сунъист ва бе киштану даравидан, риштану бофтан, харидану фурӯхтан ҳосил намешавад, вай ба оила ва манзил эҳтиёҷ дорад. Дигар ин ки, мақсад аз оила бақои насл аст. Чун фарзанд ба олам меояд, ӯро бо тарбияи нек фаро бояд гирифт ва мувофиқи завқу истеъдодаш илму ҳунар омӯхт. Аз кӯдакӣ хулқи некро дар замири ӯ бояд парварид. Чунин аст мундариҷаи фасли дуюми китоб. Муаллифи китоб дар фасли сеюм иттиҳоди одамонро дар ҷамъият мавриди баҳс қарор додааст. Ӯ аҳли ҷамъиятро ба 4 гурӯҳ: олимон, лашкариён, ҳунармандону савдогарон ва зироаткорон ҷудо карда, гурӯҳи охирро «коспобони ҳақиқӣ» номидааст. «А. Ҷ.» дар зери таъсири фалсафаи амалии Арасту, Форобӣ, Ибни Сино ва хусусан *«Ахлоқи Носирӣ»*-и Насируддини Тӯсӣ ба вуҷуд омада, аз с. 1866 то с. 1923 борҳо дар Ҳиндустон ба табъ расидааст. С. 1839 тарҷумаи англисии қисме аз «А. Ҷ.» дар Лондон чоп шуда буд. *М. Мирбобоев.*

АХМАТОВА (тахалл., фам. ҳақиқиаш Горенко) Анна Андреевна (23. 6. 1889, Одесса—5. 3. 1966, Домодедови вил. Москва, дар Ленинград мадфун аст), шоираи советии рус. С. 1912 аввалин китоби шеърҳои А. «Шом» чоп мешавад. А. аз акмеистҳо буд. Баъди Рев. Октябрь, аз с-ҳои 30 доираи назми А. васеъ мешавад; мавзӯи Ватан дар ашъори шоира баландтар садо медиҳад («Маяковский дар соли 1913», «Данте», силсилаи «Асрори касб»). Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ А. дар Тошкент зиндагӣ карда буд. (Маҷмӯаи «Шеърҳои тошкандӣ», 1944). Ин солҳо дар назми шоира шеърҳои ватандӯстона мавқеи намоён пайдо мекунанд («Қасам», «Мардонагӣ»). Қуллаи эҷодиёти А. асари калони лирикию эпикии «Достони беқаҳрамон» (1940—62) мебошад. Сюжети фоҷиавии ҳудкушии шоири ҷавон бо мавзӯи заволи дунёи кӯҳан пайваста омадааст; достон аз мазмуни амиқ, суханони суфта, зарбу оҳангҳои гуногун бой аст. А. шеърҳои шоирони Шарқ, Европаи Ғарби, яҳуди, латишро низ тарҷума кардааст (Маҷмӯаи «Овози шоирон», М., 1965). Назми А. умуман содда, возеҳ ва хушоҳанг аст.

АХСЕКАТ, пойтахти қадимаи водии Фарғона. Мувофиқи маълумотҳои археологӣ а-ҳои 3—2 то м. буньёд шудааст. А-ҳои 9—16 ба шаҳри калон таблил ёфта, дар ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва маданиёти Фарғона роли муҳим бозид. Аввалин бор дар маъхазҳои а. 10 номбар шудааст. А. баъди Андиҷон шаҳри дуюм буда, охири а. 16 хароб гардид. Харобаҳои А. ҳозир Эски Ахси ном доранд. Он дар С. к. Шаҳанди р-ни Наманганӣ вил. Наманган, дар сохили рости д. Сир воқеъ. А. аз се қисм: арк, шаҳристон ва работ иборат буда, ҳар кадом аз се тараф бо деворҳои алоҳида иҳота шудааст. Аз ҷануб д. Сир чун садд хизмат мекунад. Бино бар маълумотҳои а. 10 дар арк кӯшки ҳоким ва маҳбас, дар шаҳристон — бозори дохилӣ ва масҷиди ҷомеъ, дар работ — маҳаллаҳои ҳунармандон ва бозори беруниӣ воқеъ будаанд. Ҳавзҳои аз хишти пухта сохта шудаи шаҳристон аз чанд ҷӯйбор об мегирифтанд. Роҳе, ки аз А. мегузашт, онро бо Андиҷон, Марғелон, Қӯқанд, Косон, Кув, ба воситаи Поп бо ш-ҳои Хуҷанд ва Илоқ мепайваст. То Рев. Октябрь дар А. ду маротиба (1885 ва 1914) кофтуков гузаронида шуд. С. 1940 Ин-ти таърих ва археологияи АФ РСС Ӯзб. дар А. тадқиқоти махсус гузаронд. Дар работ ҷои ҳаммоми а. 11 ва аз он қубурҳои сафолин, тангаҳои гуногун ва зарфҳои шишагин ёфт шуданд. Ба ғайр аз ин дар ғарбтари А. вуҷуд доштани харобаи шаҳри қадимаи даврои ғуломдорӣ муайян гардид. С. 1965 дар А. хазинаи тангаҳои мисин ёфт шуд. А. чун ёдгории таърихӣ аз с. 1950 таҳти муҳофизати давлат аст. *Ф. Абдуллоев.*

АХТАКУНӢ, кастрация, бо роҳи сунъӣ аз кор баровардан ё гирифта партофтани ғадудҳои ҷинсии ҳайвону одам. А. дар ҷорводорӣ аҳамияти калони иқтисодӣ дорад. Ҳайвони ахта ором, қобилияти кориаш зиёд, гӯшташ серравғану сергизои хушсифат мешавад. Навбастро дар 0,5—1, айғирро дар 3—4-солагӣ ва такаю қӯчқорро дар 4—6-моҳагӣ ахта мекунанд.

АХТАЛ الاخطل Абӯмолик Ғиёс ибни Ғавс (640, Ҳира — 710), шоири араб, аз қабилаи Тағлиб. Бачагиаш дар бенавоӣ гузаштааст. А. ба дарбори Умавиён роҳ ёфта, унвони «шоири амиралмӯъминин»-ро гирифтааст. Бештар мадҳияву ҳаҷвия навиштааст. Дар ин қабил ашъори А. муборизаҳои байни хулафои Умавӣ ва мухолифонашон акс ёфтааст. А. дар шеър бештар ба Нобиғаи Зубьёнӣ

(ваф. 604) ва Каъб ибни Зуҳайр (ваф. 662) пайравӣ кардааст. Сабки нигориши А. ба шоирони тоисломии араб наздик аст. *А. Аҳмадҷонзода.*

АХТАРИ РОЙПУРӢ اختر رایپوری Ҳусайн (тав. 1912, ш. Ройпур), нависанда ва мунаққиди адабии Покистон. Ун-ти мусулмонии Алигарҳро хатм кардааст. Дар ҳикояҳои А. Р. (маҷмӯаҳои «Муҳаббат ва нафрат», «Намоиши зиндагӣ», «Нишони роҳ») асосан ҳаёти зиёиён ва табақаҳои майдабуржуазӣ инъикос ёфтааст. Мақолаҳои танқидии А. Р. (маҷмӯаи «Адабиёт ва инқилоб», 1935) дар инкишофи адабиёти пешқадами урду роли муҳим бозидааанд. А. Р. забонҳои санскрит, ҳиндӣ, банголӣ ва франсавиро хуб медонад ва тарҷумонӣ ҳам мекунад. Манзумаи «Шакунтала» ва «Ҷавони ташналаб» ном маҷмӯаи шоири банголӣ Назрулисломро ба урду тарҷума кардааст. *Ш. Пӯлодова.*

АХФАШИ АКБАР الاخفش الاکبر Абдулҳамид ибни Абдулмаҷид (с. тав. номаълум — ваф. 793), забоншиноси араб. А. А. ба мактаби забоншиносии Басра мансуб буда, аз ҷумлаи аввалин шахсонест, ки тамоми назми классикии арабро шарҳ дода, истилоҳоти зиёди грамматикӣ сохтааст. А. А. инчунин забоншиносони зиёде ба камол расондааст, ки *Сибавайҳ*, Абӯзайд, Абӯубайда ва Асмаӣ аз он ҷумлааанд. *Х. Наҳҳош.*

АЦЕТИЛЕН, этин, карбогидриди носер HC≡CH. С. 1836 Э. Дэви кашф кардааст. А. гази беранг, бӯи пасти эфирӣ дорад; t гуд. — 81,8° С, t ҷӯш — 83,8° С, зичиаш 1,17 кг/м³ (дар 0° С), дар ацетон нагз ҳал мешавад. Омехтаҳои А. бо ҳаво (2,3—80,7%-и ҳаҷм) таркандааанд. Ҳангоми аз маҳлулҳои аммиакии оксиди нуқра ва субоксиди мис гузарондани А. ацетиленидҳо (Ag_2C_2 ва Cu_2C_2)-и хушки аз зарба, шарора ва г. тарканда ҳосил мешаванд. А. таъсири сусти наркозӣ дорад. Азбаски А. банди каратӣ дорад, қобилияти реакцияангезиаш баланд аст. Реакцияҳои пайвасташавии А. (хлоронӣ, карбонилонӣ ва г.) муҳиммтаранд, чунки маҳсули онҳо дар саноати синтези органикӣ васеъ истифода мешаванд. А. чун ашёи барои истеҳсоли пайвастҳои муҳими органикӣ: хлоропрен, ацетальдегид, кислотаи ацетат, акрилонитрил, винилхлорид, инчунин моддаҳои аз ҷиҳати физиологӣ фаъол ба кор меравад. А.-ро дар кафшери газӣ ва металлбурӣ истифода мебаранд. Электрокрекинг ва крекинги термооксидии метан ва инчунин бо об вайронкунии карбиди кальций (CaC_2) усулҳои ҳозирои саноатии ҳосил кардани А.-анд. А.-ро дар баллонҳои пӯлодин дар шакли маҳлули ацетон дар таҳти фишори $1{,}47 \cdot 10^5 — 1{,}67 \cdot 10^5$ Па (15—17 ат) нигоҳ медоранд ва мекашонанд. Дар лабораторияи синтези органикии Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. ва кафедраи химияи органикии Ин-ти давлатии тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино оид ба синтези эфирҳои қатори ацетиленӣ тадқиқот мебаранд. *М. С. Самиев, Б. Х. Кимсанов.*

АЦЕТИЛЦЕЛЛЮЛОЗА, ацетати целлюлоза, $[C_6H_7O_2(OCOCH_3)_3]_n$, эфири ацетатии целлюлоза; моддаи сафеди аморф, зичиаш тақрибан 1300 кг/м³, аз ҷиҳати физикию механикӣ устувор, дар ишқор суст ва дар аксарияти ҳалкунандаҳои органикӣ нагз ҳал мешавад. А.-ро аз тибити пахта ва целлюлозаи чӯб бо таъсири ангидриди ацетат ва катализатор (кислотаи хлорат ё сульфат) ҳосил мекунанд:

$$[C_6H_7O_2(OH)_3]_n + 3_n(CH_3CO)_2O \longrightarrow [C_6H_7O_2(OCOCH_3)_3]_n + 3_nCH_3COOH.$$

Аз А. нахи ацетатӣ, фото ва кинопленка, лак, пластмассаҳо ва г. тайёр карда мешавад. А. аз таъсири гармӣ ва равшании зиёд хосиятҳояшро гум мекунад. *К. М. Маҳкамов.*

АЦЕТОН, диметилкетон, CH_3COCH_3, кетони соддатарин, моеи беранг буда, бӯи махсус дорад, бо об ва ҳалкунандаҳои органикӣ (спирт, эфир ва г.) нагз омехта мешавад. t гуд. — 94,9° С, t ҷӯш 56,2° С, зичиаш 790,8 кг/м³. Аз оксидшавии спирти изопропил, ки маҳсули гидратацияи пропилен аст, ҳосил карда мешавад:

$$CH_3—CH = CH_2 \xrightarrow{H_2O} CH_3CH(OH)CH_3 \xrightarrow{O_2} CH_3COCH_3 + H_2O.$$

Усули истеҳсоли якҷояи А. ва фенол аз изопропилбензол низ маълум аст. А.-ро дар синтези пайвастҳои гуногуни органикӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Онро дар саноат барои ҳал кардани нитро- ва ацетилцеллюлоза, дар истеҳсоли изопрен, шоҳии сунъӣ, дорувор ва г. кор мефармоянд.

АЦИДОЗ (лот. acidus—турш), сертуршӣ, хунукмизоҷӣ, ҳолати касалиест, ки дар натиҷаи вайрон шудани мувозинати туршию ишқор, дар хун ва бофтаҳои бадан барзиёд захира шудани анионҳои кислотаҳои буғшаванда ва буғнашаванда рӯй медиҳад. А. талофипазир (компенсацияшаванда) ва талофинопазир мешавад. Дар вақти А.-и талофипазир анионҳои кислотаҳо чандон зиёд ғун наметаванд. Нишондиҳандаи гидрогении (pH) хун ва бофтаҳо аз ҳадди эътидол (7,35—7,45) паст-тар намефурояд. Аммо дар мавриди А.-и талофинопазир анионҳо хеле зиёд гирд омада, pH-ро ниҳоят паст мекунанд. А. аз ҷиҳати пайдоиш ду ҳел мешавад: 1) мубодилавӣ (метаболӣ), ки дар натиҷаи дар бадан барзиёд ҷамъ шудани анионҳои кислотаҳои табхирнашаванда ё бисьёр талаф шудани катионҳои ишқорҳо (дар вақти бемории канд, гуруснагӣ, кампешобӣ, дарунравӣ, таб ва г.) пайдо мешавад; 2) нафасӣ, ки дар натиҷаи бо нафас кам хориҷ гардидани кислотаи карбонат (дар вақти варам ва газаки шуш, пучшавии шуш, фалаҷи бачагона, заҳролудӣ аз доруҳои наркозӣ ва г.) ба амал меояд. А.-и физиологӣ (табиӣ) ба тифлони навзод хос аст ва аз дақиқаҳои аввали таваллуд маълум гардида, якчанд рӯз давом мекунад. Ин А.-и омехта (ҳам мубодилавӣ, ҳам нафасӣ) аст.

Аломатҳои А.: хоболудӣ, гарангӣ, иғмо, нафаскашии номӯътадил, номураттабии кори дил, раг ва гурдаҳо.

Муолиҷа: истифодаи бикарбонати натрий.

АЦИЛОНӢ, иваз кардани атомҳои гидроген дар пайвастҳои органикӣ бо боқимондаи кислотаи карбон RCO (гурӯҳи ацил).

АЧИНСК, шаҳр дар кишв. Красноярӣ РСФСР, дар соҳили д. Чулим. Узели р. о. Аҳол. 117 ҳаз. наф. (1977). Комб-ҳои орд, гӯшт, ф-каҳои дӯзандагӣ ва мебель, з-дҳои механикӣ, пиво, якчанд техникум, театри драма, музейҳои кишваршиносӣ ва таъриҳию революционӣ дорад. Дар наздикии А. ангишт ва оҳаксанг истеҳсол мешавад. А. с. 1682 бино ёфтааст.

АЧЧИҚОЛМА, деҳа дар С. қ. Лахши р-ни Ҷиргатоли РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Лахш-1». Аз А. то маркази С. қ. 18 км, то район 68 км; роҳ мошингард. Аҳол. 357 наф. (1976), қирғизҳо. Мактаби 8-сола, клуб, магазин ва чойхона дорад. Сокинони деҳа бо чорводорӣ ва картошкакорӣ машғуланд. Заминҳо аз оби чашмаҳои Саз, Кӯл ва Қазноқ обьёрӣ мешаванд.

АЧЧИҚТОШ, чашмаи хунуки минералии карбонатӣ дар Помири Шарқӣ (ВАБК). Дар водии д. Аличур (13,5 км шарқтари с-зи «Булункӯл»), дар баландии 3960 м аз с. б. воқеъ аст. Дебиташ — 0,16 л/сон; ҳарор. 13° С; минералнокиаш 3,9 г/л; таркибаш гидрокарбонати натрий дорад.

АШВАГҲОША (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири Ҳинди Қадим, тақрибан дар а. 2 умр ба сар бурдааст. Ба санскрит менавишт. Достони доир ба зиндагии Буддои А.—«Буддҳачарита» дар тарҷумаҳои хитой ва тибетӣ боқӣ монда, дорои 28 суруд аст. (Аз асли санскриташ танҳо 13 суруд то замони мо расидааст). А. дар достони «Саундарапанда» фалсафаи буддоиро шарҳ додааст. Драмаи «Шарипутракарана»-и ӯ дар шакли нопурра боқӣ мондааст. Асари дигараш — «Сутраланкара» дар тарҷумаи хитой то замони мо расидааст. Ин асар аз маҷмӯаи афсонаҳои манзуму мансур иборат буда, ҷанбаи ахлоқӣ дорад.

АШИМОВ Байкен Ашимович (тав. 10.8.1917. р-ни Рӯзаевки вил. Кӯкчатови РСС Қаз.), арбоби партиявию давлатӣ. Аъзои КПСС аз с. 1940. Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1977). Аз оилаи чорводор. Техникуми х. қ. (1938), Ин-ти зоология ва фитопато-

логияи амалии Ленинград (1957), Мактаби олии партиявии назди КМ КПСС-ро (1969) хатм кард. С-ҳои 1938—41 хизмат дар Армияи Советӣ, 1941—42 муаллими мактаби миёна. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). С-ҳои 1945—59 дар вазифаҳои масъули партиявӣ ва советӣ буд. С. 1959 котиби дуюми Комитети партиявии вил. Кӯкчатов. С-ҳои 1961—70 раиси Комитроияи вил. Қарағанда оид ба деҳот, котиби Комитети партиявии вил. Талдиқӯрғон. Марти 1970 Раиси Совети Вазирони РСС Қаз. таъин шуд. Аз с. 1961 аъзои бюрои КМ ПК Қаз., вакили съездҳои 22—25 КПСС, аъзои КМ КПСС (1971—76), депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 8—9), депутати Совети Олии РСС Қаз. (даъватҳои 6—9). Бо 2 ордени Ленин, 2 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, Ситораи Сурх, ордени Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаи 1 ва медальҳои СССР, бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнати Республикаи Халқии Мӯғулистон ва салиби нуқраи ордени «Виртути Милитари»-и Республикаи Халқии Польша мукофотонида шудааст.

АШИРОН عشیران яке аз мақомҳои қадимии халқҳои эронинажод. А. дорои пардаи махсусест, ки системаи лаҳнии он аз чанд оҳанг таркиб ёфтааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ мақоми А.-ро дар фасли ҳафтдаҳуми «Рисолаи мусиқӣ» зикр намуда, онро ба таркиби 24 шӯъбаи *«Дувоздаҳмақом»* дохил кардааст. А. шӯъбаи панҷум аз 24 шӯъбаи «Дувоздаҳмақом» буда, даҳ парда дорад. А. дар мақоми «Наво»-и Эрон (дар қисмати 21-уми он) баъди мақоми «Гавашт» («Гувашт») меояд.

АШК Упендранатҳ (тав. 14. 12. 1910, ш. Ҷоландҳари Панҷоб), нависандаи ҳинд. Ба урду ва ҳиндӣ асар менависад. Нахустин пьесаҳояш дар маҷмӯаи «Дар сояи худоҳо» (1938) ба табъ расидаанд. Асарҳои саҳнавии А. ба ташаккули драмаи реалистии адабиёти ҳинд мусоидат кардаанд. А. муаллифи бештар аз 50 пьеса, 200 ҳикоя, чанд роман ва маҷмӯаи шеърҳост. Дар пьесаҳои А. ахлоқи ҳамида, муборизаи наву кӯҳна, танқиди поймолкунандагони ҳуқуқи занон, ваҳдати ҳиндуҳою мусулмонон ва дигар масъалаҳои актуалии ҳаёт тасвир ёфтаанд. Қаҳрамонони романҳои «Деворҳои фартут» ва «Меҳмонхона» дар роҳи ҳуқуқҳои инсонии худ муборизе мебаранд. Романи «Оташи фурӯзон» аз ҳаёти синфи коргари Ҳиндустон ҳикоят мекунад. Дар ҳикояву шеърҳои А. тарафҳои гуногуни зиндагии мардуми ҳинд нишон дода шудааст. Лауреати Мукофоти ба номи Нехру (1972).

Ш. Пӯлодова.

АШК, маҳсули тарашшӯҳи ғадуди ашк. Чашмро тар карда, аз вай ғубор ва бактерияҳоро шуста берун мекунад. Дар таркибаш 99% об, 0,9% моддаҳои ноорганикӣ (хусусан хлориди натрий), тақр. 0,1% сафеда низ дорад.

АШКАНА اشکنه яке аз оҳангҳои қадимии мусиқии форс-тоҷик, ки дар давраи Сосониён маъмул буд. Бисьёр мутрибони номии он замон Борбад, Озодвори Чангӣ, Накисои Чангӣ, Саркаб, Саркаш ва ҳатто Ҷамилаву Оиша А.-ро бо маҳорати тамом иҷро мекарданд. Доир ба назарияю амалия ва хусусиятҳои ин оҳанг чизе боқӣ намондааст.

АШКБӮС. اشکبوس яке аз қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, паҳлавони лашкари Тӯрон. Амалиёти А. дар фасли «Подшоҳии Кайхисрав» ва «Достони Комуси Кашонӣ» тасвир ёфтааст. Дар яке аз ҷангҳои байни лашкари Эрону Тӯрон А. ба дасти Рустам кушта мешавад. *З. Аҳрорӣ.*

АШКОЛИ РАМЛ (ар. اشکال — ҷамъи شکل шакл, намуд ва رمل — рамл-рег), маҷмӯи аломот, ишорот ва шаклҳои амали бардурӯғ ва аз ҷиҳати илмӣ беасоси *раммолӣ*, ки иборат аз ҷаҳор унсури фард ва завҷанд (тоқу ҷуфт, нуқтаю тире). Раммолон аз ҷаҳолати халқи авом истифода бурда, бо ёрии А. р. ғӯё ҳодисот, воқеаҳо ва истиқболро пешбинӣ мекардаанд, ҳайру шарри иқдомро муайян месохтаанд. А. р. шонздаҳ ададанд, ҳар кадом ном ва аломати хос доранд: 1. саҳьён ⁝⁝ 2. Қабз-ул-дохил ⁝̇ 3. Қабз-ул-хориҷ ⁝̇ 4. Ҷамоат ⁝⁝ 5. Фараҳ ⁝̇ 6. Уқла ⁝̇ 7. Анкис ⁝⁝ 8. Хумра ⁝⁝ 9. Баёз ⁝⁝ 10. Нусрат-ул-хориҷ ⁝̇ 11. Нусрат-ул-дохил ⁝⁝ 12. Утбат-ул-хориҷ ⁝̇ 13. Нақиӣ ⁝̇ 14. Утбат-ул-дохил ⁝⁝ 15. Иҷтимоъ ⁝⁝ 16. Тариқ ⁝̇ А. р. ба аносири арбаа низ робита доранд, чунончӣ, аз онҳо чаҳор шакл (⁝⁝ ⁝̇ ⁝̇ ⁝̇) оташӣ ва шарқӣ, чаҳор шакл (⁝⁝ ⁝⁝ ⁝̇ ⁝⁝)бодӣ ва ғарбӣ, чаҳор шакл (⁝⁝ ⁝⁝ ⁝̇ ⁝̇) обӣ ва шимолӣ, чаҳори дигар(⁝⁝ ⁝̇ ⁝⁝ ⁝̇) хокӣ ва ҷанубӣ. Ҳар кадоми ин шаклҳо хусусияту сифати хос доранд ва ба сайёрае ё ~ке аз бурҷҳои дувоздаҳгона мутааллиқанд, ҳамчунин ҷудо-ҷудо, ҷуфт-ҷуфт ва бо иттифоқи якдигар гурӯҳ-гурӯҳ ба чизе ва коре далолат мекардаанд. Чунончӣ: шакли чорум (⁝⁝) ҷамоат ба уторид тааллуқ дошта, ба маъданиёт ва наботот, аз рангҳо ба хокистарӣ ва сабз, ба аҳли бозор, мардумони фарбеҳандом, ба борон, дарьёҳо, наҳрҳо ва раъду барқ далолат мекунад; ин ҳафт шакл саъд ⁝̇ ⁝⁝ ⁝̇ ⁝⁝ ⁝̇ ⁝̇ ⁝⁝ ва ин ҳафт шакл наҳс ⁝̇ ⁝⁝ ⁝⁝ ⁝̇ ⁝̇ ⁝̇ ⁝̇ ё ин ду шакл ⁝̇ ⁝⁝ бо музаккар музаккар, бо муаннас муаннас, бо саъд саъд ва бо наҳс наҳсанд ва ҳоказо.

А. р. дар давраи сохти ҷамъияти ибтидоӣ ба вуҷуд омадааст. Ба қавли ҳукамои қадим ватани аслии А. р. Ҳиндустон будааст, баъзеҳо Чин ва дигарон Бобул гуфтаанд. Дар асотири халқҳои эронинажод Дониёл ихтироъкунандаи А. р. дониста шудааст ва рочеъ ба ин мавзӯъ афсонаи машҳур ҳаст. Навъҳои А. р. хеле гуногунанд: сангча, донаи мева, чормаҳз, чӯбча, устухон, оина ва ғ. А. р. ва раммолӣ дар а. 3 то м. аввал ба Рим, баъд ба Европа паҳн шуда, навъҳои гуногуни қуръа ва фолбиниро ба вуҷуд овард. Ба ном илми нуҷум (астрология) аз ҳамин ашколи шонздаҳгонаи рамл пайдо шудааст. Дар замони мо қуръа, рамл, фолбинӣ ва ғ. эътибори худро тамоман гум карданд. *И. Раҳматов.*

АШКОНИЁНи арман, сулолаи подшоҳони (62—428) ба *Ашкониёни* Порт хеш. Асосгузораш Тиридоти I (аз 62, расман аз 66 то 80). Дар аҳди Хусрави I Кабир (217—238) ҳокимияти А. меросӣ гардид. Дар аҳди Тиридоти III Кабир (287—332) дини насронӣ дар Арманистон (тақр. с. 301) дини давлатӣ шуд. А. бар зидди парокандагии феодалӣ ва барои истиқлолияти Арманистон муборизе мебурданд. Вале ин муборизе натиҷае надод. Баъд аз тақсимоти *Арманистони Кабир* (387) байни Эрон ва Юнон А. вассали онҳо шуданд ва с. 428 сулола барҳам хӯрд.

АШКОНИЁНи Порт, сулолае, ки дар подшоҳии Порт с-ҳои 250 то м.— 224 м. ҳукумронӣ кардааст. А. насабашонро ба шоҳи Эрон *Ардашери II* нисбат дода, худро давомдиҳандагони сулолаи *Ҳахоманишиён* ҳисоб мекарданд. Аммо ин генеалогия бо ҳақиқати таъриҳӣ рост намеояд. Ривояти халқӣ (дар навиштаҷоти Беруний) А.-ро ба қаҳрамони асотирии Хоразм Сиёвуш алоқаманд карда, асосгузори А.-ро сардори қабилаи парнҳо — Аршак, ки дар Ҷанубу Шарқи б. Каспий (дар терр. ҳозираи Туркманистон) сокин буд, меҳисобад. Асосгузори ҳақиқии подшоҳии Порт Тиридоти I буд. Баъзе олимон ӯ ва Аршаки I-ро як шахс медонанд. Намояндагони асосии сулолаи Ашкониён: Аршаки I [250—248/247], Тиридоти I [248/247 — тақр. 211], Артабони I [тақр. 211—191], Приапат [тақр 191—176], Фраати I [тақр. 175—170] Митридоти I [тақр. 170—138/137], Фраати II [138/137 — тақр. 128], Артабони II [тақр. 128—124/123], Митридоти II [тақр. 123—88/87], Фраати III [70/69—58/57], Ороди II [тақр. 57—37/36], Фраати IV [37/36—2], Фраати V [2 то м.— тақр. 4 м.], Вонони I (7/8 — тақр. 12], Артабони III [тақр. 12 — тақр. 38], Готарзи II [тақр. 38 — тақр. 51], Вологеси I [51/52—79/80], Митридоти IV [128/129—147], Вологеси III [148—192], Вологеси IV [191—207/208], Вологеси V [207/208—222/223], Артабо-

РСС ТУРКМАНИСТОН
РСС ЎЗБЕКИСТОН
РСС ТОҶИКИСТОН
ТОҲАРИСТОН
БАДАХШОН
БАЛХ
ТРУЗГОН
Регистон
ҚАНДАҲОР
ҲИНДУКУШ
Музофотҳо бо рақамҳо ишора шудаанд
1 Ҷузҷон 4 Каписа
2 Лагмон 5 Нангарҳор
3 Парвон 6 Нимруз
ШКАЛАИ БАЛАНДИҲО БА ҲИСОБИ МЕТР
0 200 500 1000 1500 2000 3000 5000 баландтар


ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ
Гандум
Гандум, шолӣ, наҳшакар, боғу токдорӣ
Гандум, ҷав ва пахта
Зироатҳои полизӣ ва боғу токдорӣ
Чорводорӣ (асосан гӯсфандпарварӣ) ва ҷо-ҷо зироати ҷав, арзан ва г
Замини партов
Бешаҳо
Кирмакдорӣ
Асппарварӣ
Қаракӯлпарварӣ
Ҷав
Ҷуворимакка
Шолӣ
Пахта
Заҳир
Лаблабуи ҷанд
Ангур ва меваҳои дигар
Кӯкнор
Кунҷут
Писта
САНОАТИ КОРКАРДИ МАСОЛЕҲ
Мошинсозӣ ва коркарди металл
Масолеҳи биноқорӣ
Цемент
Чинию сафолот
Чӯбгарӣ
Газвори пахтагӣ
Матоъҳои пашмин
Абрешим
Чарму пойафзол
Ҳӯроквориӣ
Каннодӣ
Равғану собун
Коркарди аввали пахта
Қолинбофӣ
ИСТЕҲСОЛИ САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ
ангиштсанг
нефть
газ табиӣ
маъдани оҳан
маъдани берилӣ
сулфур
намаки ош
мармар
лӯҷувард
СТАНСИЯҲОИ ЭЛЕКТРИКӢ
Оҳаӣ
Стансияҳои обӣ
аз 20 то 70 ҳаз кВт
аз 2 то 20 ҳаз кВт
МАСШТАБ 1:9 500 000


ВИЛОЯТИ АВТОНОМИИ
БАДАХШОНИ КУҲИ
РСС Тоҷикистон

ни V (такр. 209—224]. Дар хусуси сулолаи хурди А. ниг. *Ашкониёни* арман.

АШРАФ اشرف Абӯалӣ Ҳусайн ибни Ҳасани Мароғӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1459), шоири форс-тоҷик. Бо номи Дарвеш Ашрафи Хиёбонӣ низ машҳур аст. А. байни с-ҳои 1434—40 дар пайравии Низомӣ «Ҳамса»-е тартиб додааст, ки достонҳои «Минҳоҷ-ул-аброр», «Ширину Хисрав», «Лайлию Маҷнун», «Ҳафт авранг» ва «Зафарнома»-ро дарбар мегирад. Ғайр аз инҳо А. чор девон («Унвон-уш-шабоб», «Хайр-ул-умур», «Боқиёт-ус-солеҳот» ва «Муҷаддадот-ут-таҷаллиёт») дорад, ки дар онҳо қасоид, ғазалиёт, қитаот, рубоиёт ва дигар анвои шеърҳои лирикии шоир фароҳам омадаанд. Мероси адабии А. асосан то замони мо расидаст, вале нусхаҳои дастнависи достону девонҳои ӯ камьёбанд.

А. Афсаҳзод, Ҷ. Додалишоев.

АШРАФ اشرف Муҳаммадсаид ибни Муҳаммадсолеҳи Маҷлисии Мозандаронӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1708, музофоти Биҳори Ҳиндустон), шоир ва донишманд. Аз шогирдони *Соиби* Исфаҳонӣ. А. дар яке аз қарьяҳои атрофи Исфаҳон ба дунёё омада дар замони Аврангзеб (1658—1707) ба Ҳиндустон рафта, ба таълиму тарбияи *Зебуннисо* машғул шудааст. Баъд аз вафоти Аврангзеб, вақте ки кашмакаши байни шоҳзодагони темурӣ ва ҳокимони маҳаллӣ авҷ мегирад, А. бо баҳонаи ҳаҷ Ҳиндустонро тарк карданӣ мешавад, вале дар Мунгири Биҳор ба бемории вазнине гирифтор шуда, вафот кардааст. Куллиёти ашъори А. боқист, ки он ба ғайр аз ғазал, қасида, рубоӣ, фард, қитаоти таърих ва муаммо, маснавиҳои «Соқинома» (400 байт), «Қазову қадар» (700 байт) ва 9 маснавии хурдро, ки аз мадҳи Аврангзеб, васфи Кашмир ва идҳои ҳиндуён иборат аст, дарбар мегирад. *А. Ғаффоров.*

АШРАФ اشرف Саидҳасани Ғазнавӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1160), шоири форс-тоҷик. А. баъди дар шоирӣ ном баровардан ба дарбори Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (1118—52) роҳ ёфта, дар чанд сафари ӯ ба Ҳиндустон ҳамроҳӣ кардааст. Вале фитнаву дасисаҳои аҳли дарбор зиндагии шоирро талх мекунад. А. ду маротиба ба тӯҳмати дарбориён дучор шуда, аз бими шоҳ тарки хонумон карда, ба Хуросон, Нишопур, Ҳиҷоз, Ҳамадон, Бағдод паноҳ мебарад. Агар дар аввали кор А. ба умеди амну осоиш ба дарбор рафта бошад («Ин банда сӯи ҳазрати олӣ ниҳод рӯй, то аз ҳаводиси фалакӣ бошадаш амон»), дар охир маълум мешавад, ки макони шарру фитна даргоҳи «ҳазрати олӣ» будааст. Шоир дар мусофиратҳо азиёт кашида, оқибат дар ғариби вафот кардааст. Аз А. девоне боқӣ мондаст, ки қариби 5000 байт (қасоид, ғазалиёт, тарҷеот, рубоиёт)-ро дарбар мегирад. А. дар назми замони худ ҳам бо сабки сухансарой ва ҳам бо мазмуну мундариҷаи нави ашъораш шӯҳрат пайдо карда буд. А. ба қисмати тағаззули қасида аҳамият додааст. Тавсифи ишқу ошиқӣ, манзараҳои дилкаши табиат, ёди ёру диёр аз мавзӯъҳои асосии тағаззулоти ваянд. Ривоҷи қисмати фахрия дар таркиби қасидаи классикӣ бо номи А. сахт марбут аст. Қасидаҳои фахрияеро, ки А. офаридааст, аксари сухансароёни он давр пайравӣ ва истиқбол кардаанд. Пайдоиши фахрия ва ривоҷи он аҳамияти калон дошт. Шоир дар ин қисми қасида баробари ситоиши ҳукуматдорон шахси худашро низ ҳамчун подшоҳи олами аҳлу хирад тавсиф менамояд. Қариб дар ҳамаи қасидаҳои А. образи маддоҳ чун соҳиби олами рӯҳонӣ ба образи мамдӯҳ, ки тимсоли олами моддист, муқобил гузошта шудааст. Мурод аз ин кор нишон додани қадри аҳли илму адаб дар назди ҳокимон ва баланд бардоштани мавқеи ҷамъиятии шоир буд. Ҳол он ки пешгузаштагони А. ҳангоми ситоиши мамдӯҳ шахси худро дар муқобили ӯ пасту ҳақир мегирифтанд. Қасидаҳои А. бо матонати сухан ва назокати бадеӣ низ фарқ мекунанд. Ташбеҳу истиороти вай хеле дақиқ ва аксаран пушида аст. Ғазалҳои А. миқдоран кам бошанд ҳам (дар девонаш 83 то), саҳми ӯ дар инкишоф ва такомули ғазал кам нест. Шоир дар аксари ғазалҳояш «Ҳасан» тахаллус кардааст. А. дар қасидаю ғазал таъбиру таркибҳои тоза эҷод карда, дар фасоҳати лафзу балоғати маъниӣ аз устодони шеъри форс-тоҷик гардидаст. А. яке аз он шоирони форс-тоҷик аст, ки дар заминаи ашъорашон андак баъдтар *сабки ироқӣ* ташаккул ёфтааст. Як зумра шоирон чун Фалакии Шервонӣ, Ҷамолуддини Абдураззоқ, Камолуддини Исмоил ва ғ. дар қасида ва ғазал аз пайравони ӯ буданд. Девони А. с. 1950 дар Теҳрон ба табъ расидааст.

С. Саъдиев, Т. Исъматзода.

АШРАФИ ГЕЛОНӢ اشرف گیلانی Саидашрафи Қазвинӣ маъруф ба «Насими Шимол» (1870, Қазвин — 1933, Теҳрон), шоир ва публицисти эронӣ. Дар қашшоқиву дарбадарӣ ба воя расидааст. 5 сол дар Карбало ва Наҷаф (Ироқ) зиста, муддате дар Қазвин иқомат дошт, с. 1892 ба Табрез расидааст. Дар ин шаҳр ба таҳсили илм камар баста, ба тариқи хусусӣ ва ғайрирасмӣ ҳайат, ҷуғрофия, сарфу нахв, мантиқу ҳандасаро омӯхт. Чанде баъд дар Гелон ва Рашт низ иқомат кардааст. Дар ин муддат бо озодфикрони маҳаллӣ ошной пайдо карда, аз таъсири инқилобчиёни Кавказ баҳравар шуд. Дар давраи Рев. Эрон (1905—11) аз машрутаҳохоҳони фаъол буд. С-ҳои 1907—08 ва 1909 дар Рашт ва с. 1914 дар Теҳрон ғазетаи «Насими Шимол»-ро нашр мекард. Унвони ғазета рамзе буд аз таъсири Рев. 1905—07 дар Россия ба вуҷуди ҳаракати революционӣ дар Эрон ва лақаби «Насими Шимол»-и А. Г. низ аз унвони ғазета аст. Мундариҷаи «Насими Шимол»-ро ғолибан ашъори ҳаҷвӣ ва танқиди худи А. Г. ташкил медод. Аксари ашъори А. Г. бо забони содда ва дар қолабҳои суруду таронаҳои халқӣ гуфта шуда, бо номи «Ҳӯп-ҳӯпнома» ва «Аҳмадо» машҳуранд. А. Г. ба ғайр аз ашъори омиёна шеърҳои шево ва баланди зиёде низ дорад, ки аксар ба мавзӯъҳои озодихоҳиву истиқлолталабӣ оиданд. Махсусан мустазоде, ки матлааш ин аст:

Гардида ватан ғарқаи андӯху меҳан, вой,
Эй вой, ватан, вой,
Хезеду равед аз паи тобуту кафан, вой,
Эй вой, ватан, вой.

А. Г. дар солҳои ҳаракати машрутаҳоҳӣ дар байни мардум шӯҳрати зиёд дошт. Мероси адабии А. Г., ки бештар аз 20 ҳазор байтро ташкил медиҳад, борҳо дар Бамбайу Теҳрон нашр шудааст. *А. Абдуманнонов.*

АШРАФИИ САМАРҚАНДӢ اشرفی سمرقندی (с. тав. номаълум—ваф. 1192, Самарқанд), шоири форс-тоҷик. А. С. баъд аз касби камол ба Ироқ сафар карда, муддати зиёде дар Исфаҳон истиқомат намудааст. Дар ин муддат бо шоирони он диёр робита пайдо карда, оқибат ба сафи шоирони дарбори Арслон ибни Туғрали Салҷуқӣ (1161—76) медарояд. Баъдтар ба Бухоро омадааст, с. 1183 Муҳаммади Авфӣ дар ин шаҳр бо А. С. мулоқот кардааст. Аз А. С. девоне боқӣ мондаст, ки 2000 байтро дарбар мегирад. А. С. дар шаклҳои маъмули назми замонаш маҳорати комил дошта бошад ҳам, дар рубоӣ шӯҳрати бештаре пайдо кардааст. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» як қасидаи пандунасиҳатии А. С.-ро овардааст, ки ба танқиди зоҳирбинию насабпарастии табақаи ашрофи замони шоир нигаронда шудааст.

С. Саъдиев.

АШРАФӢ Мухтор Ашрафович (29. 5. 1912, Бухоро — 15. 12. 1975, Тошкент), бастакор ва дирижёри советі, яке аз саромадони операи Шарқ. Арт. Халқии СССР (1951). Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Ӯзб. ва Тоҷ. (1970). Аъзои КПСС аз с. 1941. С-ҳои 1934 — 36 дар Консерваторияи Москва (синфи композиционии С. Н. Василенко) таҳсил карда, с. 1948 ба таври экстернӣ фак-ти дирижёрии Консерваторияи Ленинградро хатм намуд. Аз с. 1944 муаллим ва аз с. 1953 проф. Консерваторияи Тошкент. Аз с. 1930 роҳбари бадеӣ ва сардирижёри Театри Калони опера ва бале-

ти Ӯзбекистон ба номи Навоӣ (Тошкент). Якҷоя бо С. Н. Василенко нахустин оперои ӯзбекии «Бӯрон»-ро навиштааст (1939). Муаллифи операҳои «Канали бузург» (ҳамроҳи С. Н. Василенко, 1941), «Дилором» (1958), «Дили шоир» (1962), балети «Тӯмори ишқ» (1969), «Темурмалик» (1972, Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, Душанбе), «Симфонияи қаҳрамонӣ» (1942, Мукофоти давлатии СССР, 1943), кантатаҳои «Ӯзбекистон» ва «Суруди бахт» (1951, Мукофоти давлатии СССР, 1952), сюитаи оркестрии «Фарғона» (1943), мусиқӣ ба фильмҳо ва диг. асарҳо. А. инчунин барои пешравии мусиқии тоҷик корҳои зиёдеро анҷом додааст. Ӯ с. 1930 ба Душанбе омада, бо супориши идораи радиои республика дар асоси оҳангҳои халқӣ 20 суруди тоҷикӣ офарид. С. 1932 дар ҳайати ансамбли концертии Тоҷикистон ба Ленинград сафар намудааст. «Сюитаи рақсии тоҷикӣ» аз ҷумлаи асарҳои беҳтаринаш буд. А. дар поёни умраш якчанд асарҳои калон офарид: варианти пави балети «Темурмалик» — «Шамшер ва муҳаббат» (1974), ораторияи «Достони Рустам» (1974, бахшида ба ҷашни 50-солагии Тоҷикистон) ва мусиқии фильми тоҷикии «Аз Ганг то Кремль» (1975), романсҳо ба ашъори Ҳофизи Шерозӣ ва М. Турсунзода. Ӯ муаллифи як қатор асарҳои доир ба театр ва мусиқист. А. лауреати Мукофотҳои байналхалқии ба номи Нехру ва Ҷамол Абдулносир. Бо 2 ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АШРАФӢ اشرفی тангаи тиллоии а-ҳои 18—19, сиккаи Бухоро. Мувофиқи маълумоти ҳуҷҷатҳои а-ҳои 18—19 дар зарбхонаи амир аз тиллои соф тайёр мекарданд. Вазни А. 1 мисқол (4,8 г) ва қурбаш ба 19 тангаи нуқра баробар буд. *Н. Маҳмудов.*

АШТ, район дар вил. Ленинободи РСС Тоҷ. 29 сент. 1926 ташкил шудааст. А. дар нишебаҳои ҷан. шарқии қ-кӯҳи Қурама воқеъ аст. Аз маркази А. то ш. Ленинобод 107 км, то ш. Душанбе 448 км. То ст. р. о. наздиктарин (Рапқон) 35 км. Масоҳ. 2,8 ҳаз. км². Аҳол. 52,1 ҳаз. наф. (1976), асосан тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо, русҳо зиндагӣ мекунанд. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 18,6 наф. А. дорои 6 С. қ.— Ашт, Ошоба, Понғоз, Пунук, Қамишқурғон, Ҷарбулоқ ва 2 пгт: Гулшан, Ашт (маркази район).

Терр. район хеле ноҳамвор, қисми шим. ғарбиро нишебаҳои қ-кӯҳи Қурама, қисми ҷан. шарқиро ҳамвории водии Фарғона ташкил медиҳад. Нуқтаи баландтаринаш аз с. б. 3768 м (қуллаи Бобои Об), пасттаринаш — 346 м (сатҳи обанбори Қайроққум). Дар қисми ҷан. ғарбӣ дашти *Ашти Калон* ва кӯҳу теппаҳои Оқбел, Махавтоғ, Бахмалтеппа, Мӯлчоқтеппа (баландиашон 700—1000 м) воқеанд. А. аз конҳои полиметалл, флюорит, намаки ош ва ашъёи хоми бинокорӣ, санги мармар бой аст. Иқлими район субтропикии хушк, тобистони ҳамвориҳо гарм, зимистонаш мӯътадил. Ҳарор. миёнаи июль 27,7°С, янв.— 1,7°С. Боришоти солона 180 мм. Дар кӯҳҳо тобистон салқин, зимистон хунук (июль 16—20° С, янв. —6—8° С). Боришот нисбатан зиёд (бештар аз 400 мм). Давраи нашв (аз +5° С зиёд) 259 рӯз. Сойҳои А. (Понғоз, Мулломир, Ошоба, Ғудос, Ашт) камоб, то д. Сир намерасанд. Оби кӯли Оқсукон шӯр ва лойқааш табобатист. Дар А. хелҳои гуногуни хокҳои хокистарранг, баҳзан шӯр ва дар кӯҳҳо ҷигарранг вомехӯрад. Наботот дар ҳамвориҳо хусусияти биёбонӣ, нимбиёбонӣ дорад. Дар доманаи кӯҳҳо гиёҳҳои дашти меруянд. Қисми миёнаи кӯҳҳоро арчазори сирак ва аз он болотарро маргзори субальпӣ фаро гирифтааст. Дашти Ашти Калон қисмаи аз Канали Шимоли Фарғона ва пармачоҳҳо обёрӣ мешавад. Дар даштҳои беоб гиёҳҳои хоклес, янтоқ, ҷорӯбак, загоза, шибоқ, шӯра, ишлон, ҳазориспанд, ангӯза ва ғ.; дар кӯҳу нишебаҳо бурс, бодом, зирк, дӯлона, ҳафтпӯст, загоза, аврук, настаран, гиёҳҳои дорувории ҷаҷа, тавланг (ғазна), қоқу, чойалаф, хулбӯ, зуф ва ғ. меруянд. Дар маҳалҳои аҳолинишин дарахтони биҳӣ, зардолу, себ, шафтолу, чормағз, ангур, олуча, гелос, тут, нок, мурӯд, санҷид, олуболу, сафедор, маҷнунбед, сада ва ғ. бисёранд. Олами ҳайвоноташ гуногун, дар кӯҳу даштҳо калтакалос, калламуш, муш, мири мушон, морҳои гуногун (мори афъӣ, мори чипор, тирмор, кӯрмор); гург, гуроз, рӯбоҳ, шаҳол, оху, бузи кӯҳӣ ва ғ.; аз парандаҳо калхат, уқоб, кабк, булбул, бедона, тазарв, бум, чуғз, кабки ҳилол, фароштурук, мусича, зоғ, зоғча, акка, кабӯтар, гунҷишк, эзорсурхак, соч, фотимачумчук, худҳуд ва ғ. вомехӯранд. Соҳаҳои асосии хоҷагии р-ни А.— пахтакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ. Ғалла (гандум, ҷав, сулӣ, ҷуворимакка), сабзавот ҳам кишт карда мешавад. С. 1976 дар район 6 к-з ва 2 с-з, хоҷагии ҷангал вучуд дошт. К-зҳо, с-зҳо ва маркази онҳо: ба номи Киров (Пунук), ба номи Ленин, (Қирккудуқ), «Коммунизм» (Янги Сарой), ба номи Энгельс (Понғоз), «Правда» (Ашт), ба номи Калинин (Анпон), с-зҳо: ба номи Эрйигитов (Қамишқӯрғон), «Съезди 25 КПСС» (пос. Гулшан). Майдони умумии заминҳои х. қ. 11000 га, аз он ҷумла майдонҳои кишти пахта 5163 га, ғалла 852 га, обчакорӣ 179 га, боғдорӣ 1638 га, кишти зироатҳои хӯроки чорво 2720 га, алафзорҳои табиӣ 443 га. Шумораи чорво дар к-зу с-зҳо (1976): чорвои калони шохдор 4437 сар, гӯсфанду буз 109 364 сар, асп 482 сар. Район с. 1976 ба давлат 14949 т пахта, 1374 т гӯшт, 1648 т шир, 170 т пашм, 1582 ҳазор дона тухм, 837 т мева, 326 т ангур, 1824 т сабзавот ва 61,03 т пилла фурӯхт. Дар район з-дҳои консерви меваю сабзавот (Ашт), намаки ош (Қамишқӯрғон), иттиҳодияи чеварони хонакор ва комб. хизмати маишӣ ҳаст. Соли таҳсили 1975—76 дар А. 50 мактаб, аз ҷумла 25 мактаби миёна, 14 мактаби 8-сола, 10 мактаби ибтидоӣ, 1 мактаби мусиқӣ буд, ки 15223 наф. хонанда дошт. Ба онҳо 1138 наф. муаллимон таълим медоданд. А. дорои 8 касалхона ва як таваллудхонаи марказӣ, 7 дорухона, 32 пункти тиббӣ, 26 китобхона, 26 клуб, 2 хонаи маданият, хонаи пионерон мебошад. Нақлиёти асосии район автомобилӣ ва ҳавоӣ, роҳҳои байни деҳаҳои калон асфальтпӯш. Аэропорт дар Ашт. Газетаи район «Шӯҳрати Ашт» (с. таъсисаш маи 1934).

С. Камолиддинов.

АШТ (то 30. 12. 1967 Шайдон), пгт, маркази р-ни Ашти вил. Ленинобод ва Совети посёлкавии Шайдон. Дар қисми ҷан. шарқии доманаи қ-кӯҳи Қурама, дар даромадгоҳи воҳаи Понғоз ҷой гирифтааст. Деҳаҳои Даҳана (Дова), Қулихоҷа, Мулломир ва маҳаллаи Новалик дар терр. он аст. Ба воситаи роҳҳои асфальт А. бо Ленинобод (107 км) ва Конибодом (79 км) пайваст аст. Аэропорт дорад. Аҳол. 10300 наф. (1976), тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо, русҳо ва миллатҳои диг. Дар А. з-ди консерв (с. 1975 он 9507 ҳаз. қуттӣ консерваи меваю сабзавот истеҳсол кард), иттиҳодияи чеварони хонакор (с. 1975 165 ҳаз. м² палос истеҳсол кард), АТС, КСМ-6 ва КСМ-8 (колоннаи сайёри механи-

онидашуда), комбинатҳои хизмати маишӣ ва коммуналӣ, боғи истироҳат, 1 меҳмонхона, 4 ошхона, 7 чойхона, 7 магазин, 1 касалхонаи муттаҳида, 2 дорухона, таваллудхона, 3 пункти тиббӣ, диспансери касалиҳои ил, почта, телеграфу телефон, хонаи пионерон, 3 кинотеатр, 6 клуб ва ғ. ҷавчуданд. Соли хониши 1975—76 А. 6 мактаби миёна, интернати давлатӣ дошт. Дар посёлка биноҳои ҳукуматӣ, маъмурӣ, хонаҳои истиқоматӣ сохта шудаанд. Ба хотири фидоиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ Ҷӯрабой Мӯъминов муҷассамаҳо гузошта шудаанд.

АШТАК, аштак, қайса, зардолуи хушки бедонак. Зардолуи тару тозаро бо гази сульфит буғ дода, баъди дар офтоб пажмурда кардан (24—36 соат), донакашро фишурда, аз ҷои думчаи мева берун мекунанд ва мехушконанд (5—6 рӯз). Баъзан ба ҷои донак мағзи бодом, чормағзу мағзи зардолу ҷой карда мехушконанд, ки онро понаштак ва А.-и хубонӣ меноманд. А. асосан барои тайёр кардани компот, дар қаннодӣ ва ғ. истифода мешавад. Махсусан зардолуи навъҳои хурмой, исфарак, аҳрорӣ, мирсанҷалӣ, боқитаптап, субҳонӣ ва ғ. аштакбобанд. А. 18—20% об, 44,8—69,3% қанд, 1,4—3,4% моддаҳои пектинӣ, туршии себ, витаминҳои С, B_1, B_2, каротин (провитамини А) ва ғ. дорад.

АШТАРХОНИЁН, اشترخانیان Ҷонихо, сулола дар Мовароуннаҳр ва қисми Хуросон (1599—1753). А. аз авлоди Ҷӯҷихон буда, аз с. 80 а. 14 дар Астрахань (Аштархон) ҳукм рондаанд. Баъди Астраханьро забт кардани подшоҳи рус (1552) яке аз А. Ҷонибек Султон ё (худ Ҷонимуҳаммад) ба Бухоро ҳиҷрат кард. Баъди кушта шудани охирин намояндаи хонадони *Шайбониён Пирмуҳаммадхон* ба Ҷонибек Султон тахти хониро пешниҳод карданд, вале ӯ ин таклифро рад кард. Писараш *Боқимуҳаммад* (1599—1605) аввалин хони сулолаи А. шуд. Бухоро пойтахти давлат буд. Ғайр аз Мовароуннаҳр ба А. вил. Балх бо музофоти Қундуз, Файзобод, Шибиргон ва ғ. тобеъ буданд. Дар Балх валиаҳд менишаст. Дар он замон вил-ҳои Тирмиз, Қабодиён ва Кӯлоб низ тобеи Балх буданд. Сарҳади давлати А. дар Шим. то ш. Туркистон, дар Ғ. то ҳудуди хонигарии Хева, дар Ҷанӯб то Марв тӯл кашида буд. Баъд аз Боқимуҳаммад ва *Валимуҳаммад* (1605—11) ба тахт *Имомқулихон* (1611—42) соҳиб шуд. Ӯ қабилаҳои қазоқро маглуб намуда, Тошкентро ба итоати ҳуд гирифт. Дар замони ҳукмронии ӯ бародараш Нодирмуҳаммад бо писаронаш ҳокими Балх буданд ва ба ҳукумати Бухоро итоат мекарданд. Баъди кӯр шудани Имомқулихон ба тахт *Нодирмуҳаммад* нишаст. Ӯ яке аз бойтарин феодалони замони ҳуд буд. Ҳукмронии Нодирмуҳаммад зуд ба охир расида, ба тахти хонӣ писари ӯ *Абдулазизхон* (1645—80) соҳиб шуд. Дар байни падару писар муборизаи барои тахт сар шуд. Аз ин муборизаи ҳамсоягони Бухоро, хусусан ҳокимони Хева истифода бурда, борҳо ба сарзамини тобеи А. юришҳо карда, аҳолиро ҳонахароб намуданд. Аз ҳуҷуми хевагиҳо бародари Абдулазиз — *Субҳонқулихон* (1680—1702) истифода намуда, ба тахт соҳиб шуд. Баъзе вилоятҳо (Хуҷанд, Ҳисор ва ғ.) аз тахти итоати ҳукумати марказӣ баромаданд. Субҳонқулихон маҷбур шуд, ки барои тобеъ намудани ин вилоятҳо аз қувваи ҳокимони вилоятҳои ҳамсоя истифода барад, зеро ҳукумати марказӣ суст шуда буд. Ниҳоят ба Субҳонқулихон муяссар гардид, ки тохтутои хевагиҳоро бартараф намуда, дар он ҷой ва Балх намояндагони ҳудро таъин кунад. Баъди вафоти Субҳонқулихон ҳукумат ба дасти *Убайдуллоҳхон* (1702—11) гузашт. Ӯ хост ҳокимони маҳаллиро бо ҳар роҳ суст гардонад. Вале ҳамаи кӯшишҳои ӯ барабас рафта, Убайдуллоҳхон кушта шуд ва тахти хонӣ ба *Абулфайзхон* (1711—47) расид. Дар замони ҳукмронии ӯ корҳои давлатӣ асосан ба дасти намояндаи қабилаи мангитиҳо — Муҳаммад Ҳакимбий гузашт. Дар ин солҳо парокандагии феодалӣ ба дараҷаи баланди ҳуд расид. Сардорони қабилаи минг дар Фарғона аз вазъият истифода бурда, давлати мустақил ташкил карданд. Дар ин вақт Эрон низ ҳуҷум сар кард. С. 1740 ба лашкари Эрон муяссар шуд, ки Балхро ишғол намуда, ба сӯи Мовароуннаҳр ҳаракат намояд. Абулфайзхон ба пешвози *Нодиршоҳ* баромад. Нодиршоҳ ҳокимияти Абулфайзро нигоҳ дошта, роли Муҳаммад Ҳакимбийро дар давлат боз ҳам баланд бардошт. Баъди ваф. Ҳакимбий писараш *Муҳаммадраҳимбий* с. 1753 Абулфайзро кушта, ба тахти Бухоро соҳиб шуд. Аз ҳамон вақт ҳукмронии хонадони сулолаи *мангития* дар Бухоро оғоз ёфт. Дар замони ҳукмронии хонадони А. хон сардори мутлақи давлат ва калонтарин феодали мамлакат ба шумор мерафт. Вилоятҳои алоҳидаи давлатро султонҳо идора мекарданд. Султонҳо бисьёр вақт ба ҳамдигар ва ба хонҳои Бухоро мупосибати душманӣ доштанд. А. барои ба зери итоат гирифтани султонҳои саркаш лашкар кашида, меҷангиданд. Дар ин ҷангҳои дохилӣ бештар аҳолии маҳаллӣ ҳонахароб шуда, сарзаминҳои обод ба ҳаробазор мубаддал мегашт. Дар системаи давлати А. ғайр аз султонҳо сардори қабилаҳо — амирҳо низ таъсири зиёд доштанд. Хонҳо ба онҳо мансабу унвон ивъом намуда, ба аристократияи ҳарбӣ табдил доданд. Амирҳо дар вазъиятҳои душвор ба хон хиёнат карда, қавми ҳудро ба муборизаи зидди ҳукумати марказӣ мехезониданд ва шаҳру деҳотро ғорат мекарданд. Мансабдорон, эшонҳо ва диг. рӯҳониён (шайхулислом, қозӣ, раис, муфтӣ ва ғ.) ба кори идораи давлат низ фаъолона дахолат мекарданд. Дар замони ҳукмронии А. қисми асосии аҳолии шаҳрҳоро савдогарон ва косибон ташкил мекарданд. Андози давлатиро асосан деҳқонон медоданд. Дар системаи давлати феодалии А. аҳволи ғуломон бениҳоят вазнин буд. Онҳо ҳеҷ гуна молу мулк ва ҳуқуқ надоштанд.

Дар системаи давлатӣ сипоҳиён низ роли махсус мебозиданд. Миқдори онҳо чандон зиёд набошад ҳам, такьягоҳи асосии хон буданд. Ҳайати сипоҳиёнро намояндагони халқҳои гуногунзабон, бештар ӯзбекон ташкил мекарданд. Онҳо армияи саворааи хон буданд. Дар вақти зарурӣ хон лашкари даркориро аз вилоятҳо ва қабилаҳои тобеи ҳуд даъват мекард. Чунин буд сохти давлати А. дар а. 17 ва нимаи аввали а. 18. Намояндагони А.: Боқимуҳаммад (1599—1605), Валимуҳаммад (1605—11), Имомқулихон (1611—42), Нодирмуҳаммад (1642—45), Абдулазизхон (1645—80), Субҳонқулихон (1680—1702), Убайдуллоҳхон (1702—11), Абулфайзхон (1711—47).

А. Мухторов.

АШТИ БОЛО, деҳа дар С. қ. Ашти р-ни Ашт, вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Правда». Аз деҳа то С. қ. 2 км, то район 45 км; роҳ мошингард. Аҳол. зиёда аз 2700 наф. (1976), асосан тоҷикон. Дар деҳа 2 мактаби миёна, клуб, китобхона, 2 пункти тиббӣ, инчунин якчанд нуқтаҳои хизмати маишӣ ҳаст. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — боғдорӣ, чорводорӣ ва пахтакорист. Заминҳо аз сои Ашт обьёрӣ карда мешаванд.

АШТИ КАЛОН (номи пештарааш дашти Евон), дашт дар ҳудуди р-ни Ашти вил. Ленинобод. Дар соҳили рости д. Сир ва обанбори Қайроққум ҷойгир аст. А. К.-ро аз Шим. Ғ. доманаи қ-кӯҳи Ҷурама, аз Ҷ. Ғ. к. Оқбел, аз Ҷ. Ш. адирҳои Суфатоғ иҳота кардаанд. Дар Шим. Ш. он бо терр. Ӯзбекистон ҳамҳудуд аст. Тӯлаш аз Ҷ. Ғ. ба Шим. Ш. 50 км, барраш 13—20 км. Терр. дашт ҳамвории васеи доманакӯҳӣ буда, сатҳаш аз Шим. Ғ. ба тарафи Ҷ. Ш. (аз баландии 930 м то 430 м) тадричан паст шуда меравад. А. К.-ро сойҳои Дӯлона, Мулломир, Понғоз, Ошоба, Ғудос, Ашт, Пунук, ва ғ. бурида мегузаранд. Манбаи оби ин сойҳо асосан барфу борон буда, тобистон аксари онҳо хушк мешаванд. Иклими А. К.— континентӣ. Тобистон гарми бебориш, зимистон хунуки камбориш. Ҳарор. миёнаи янв.— 2,2° С, июль 27,9°С. Давраи бебарфӣ — 230 рӯз. Боришоти солона 89—249 мм. Хо-

каш бўри хокистарранг, марғзорӣ ва шўри ботлоқӣ, инчунин регдор. Қисми шимолӣ ва шим. ғарбии А. К. дашти беоби нокорам, ҷан. шарқиаш — обшору корам. Дар он як совхоз ва ҳафт колхоз ҳаст. Майдони умумии обьёришаванда — 61,5 ҳаз. га. Заминҳо аз Канали Шимоли Фарғона ва қисман аз сой ва пармачоҳҳо обьёрӣ карда мешаванд. Дар панҷсолаи 10-ум 13 ҳаз. га заминҳои навбати якуми А. К. азхуд карда хоҳанд шуд. Сохтмони станцияҳои насосӣ, пармачоҳҳо ва диг. иншоотҳои обьёрӣ давом дорад. Баъди ба кор даромадани станцияҳои насосӣ дар А. К. пахтакорӣ ва боғу токдорӣ вусъат меёбад.

АШТИ ПОЁН, деҳа, маркази С. ҚҲ. Ашти р-ни Ашти вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Правда». Аз деҳа то маркази район 43 км. Роҳ асфальт. Аҳол. қариб 3600 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, китобхона, мактаб-интернат, поликлиника, касалхона, шўъбаи алоқа, филиали комбинати хизмати маишии район (цехҳои дўзандагӣ, пойафзол, сартарошӣ), ошхона, чойхона ва устохонаи оҳангарӣ дорад. Машғулияти асосии аҳолӣ пахтакорӣ, чорводорӣ, ғаллакорӣ ва боғу кирмакдорӣ аст. Заминҳо аз сои Ашт обьёрӣ мешаванд.

«АШ-ШЕЪР ВА-Ш-ШУАРО» الشعر و الشعراء тазкираи адабиёти араб, таълифи Ибни Қутайба (828 — такр. 889). Дар китоб шарҳи ҳол ва намунаи осори бештар аз 200 шоири охири а. 4 ва аввали а. 9 зикр ёфтааст. «А» барои омўхтани таърихи адабиёти форс-тоҷик низ муҳим аст. Дар он аввалин намунаҳои шеъри форсӣ ва шарҳи ҳоли як миқдор адибони арабинависи форс-тоҷик дохил гардидаанд. Китоб муқаддимаи муфассале дорад, ки ақидаҳои адабии муаллиф, сайри таърихии афкори эстетикии халқҳои Шарқ ва ғ.-ро дарбар мегирад. Муаллиф чор унсури шеър: лафз, маъно, вазн ва қофияро таҳлил карда, чор навъ шеърро фарқ кардааст: 1) шеъре, ки мазмуни баланд ва шакли олӣ дорад; 2) шеъре, ки мазмуни паст, вале шакли олӣ дорад; 3) шеъре, ки мазмуни баланд, вале шакли паст дорад; 4) шеъре, ки мазмуни пуч ва шакли паст дорад. Ў чун намунаи аъло навъи аввалро таъриф карда, ба образнокӣ («маъно») ва интихоби калимаву ибораҳои зебо диққати ҷиддӣ додааст. «А». қимати таърихӣ, назарӣ ва амалӣ дорад. *Р. Мусулмонқулов.*

АШЪАРӢЯ, ашоира اشعريه таълимоти динӣ-фалсафии *Абулҳасани Ашъарӣ* ва пайравонаш, яке аз мактабҳои *калом* ва зиддиҳои инкишофи он ки дар а. 10 пайдо шудааст. Асосгузори он Абулҳасани Ашъарӣ дар ибтидо аҳли мўътазила буд. Вале дар натиҷаи омўхтани ҳадисҳо аз мўътазила рў гардонида, таълимоту мактаби хоси худро таъсис кард ва бар зидди мўътазилиён асари зиёде таълиф намуд. Вале ҳоло фақат «Мақолот-ул-исломийин» ва «Китоб-ул-ибона»-и ў, ки дар хусуси таърихи ақоиди динӣ ва усули назариёти равияи *суннат* баҳс мекунанд, ба мо расидаанд. Ашъарӣ бисьёр ақидаҳои илоҳиётшиносони пешини зоҳирпарасти ифротӣ ва *асҳоби ҳадис*ро низ намепазируфт. Аз ин сабаб кўшидааст як мактаби авсати каломро ба вуҷуд биёрад. Ин аз ҳалли масъалаҳое, ки мавриди баҳси ў буданд, ба хубӣ ҳувайдо мешавад. Чунончӣ, ў мисли илоҳиётшиносони зоҳирпарасти ифротӣ ва асҳоби ҳадис роли ақлро дар дарки ҳодисаҳо тамоман инкор намекард, вале ақидаи мўътазиларо ҳам дар хусуси мақоми ақл қабул надошт. Ба ақидаи ў, эътирофи арзиши мутлақи ақл боиси маҳв шудани дин мегардад, зеро он имон ба ғайбро бекор мекунад ва ба хулоса меорад, ки ақл аз мусалламоти дин афзалтар аст. Ашъарӣ назарияи ба худ хоси ихтиёрро (озодии иродаро) ба вуҷуд овардааст: инсон дорои ихтиёр ва қудрати офаридани кирдори хеш аст. Вале қудрате, ки кирдори инсонро меофарад, берун аз зоти ў буда, қудрати илоҳист. Инсон қудрат ва кирдори худро аз худо иктисоб мекунад. Ҳамин иктисоб инсонро водор мекунад тасаввур намояд, ки ў соҳиби ихтиёр (озодии ирода) буда дар офаридани аъмоли хеш мухтор аст. Вале чунин ҳалли масъала ба инкори ихтиёр баробар аст, зеро инсонро бозичаи иродаи худо мегардонад, ақидаи ҷаббарияро дар бораи сарнавишти мутлақ бартараф наменамояд ва фаҳмонда паметавонад, ки чӣ гуна инсон барои кирдораш масъул аст, агар ихтиёри (озодии иродаи) ў фақат хаёлист. Назарияи ихтиёри Ашъариро ҳанўз бисьёр мутафаккирони асрҳои миёна танқид карда будаанд. Чунончи, Насируддини Тўсӣ навишта буд, ки одамон кирдори худро ба ихтиёри хеш меофаранд ва он чиро, ки Абулҳасани Ашъарӣ «иктисоб» номида, содир кардан ё содир накардани кирдори инсонро ба худо тобеъ медонад, ба ақл тамоман рост намеояд. Ин ақоиди Ашъарӣ, ки аслан ба ҳимояи таълимоти динии тавҳид равона шудааст аз назари физиология ва психологияи ҳозира пояи илмие надорад. Ашъарӣ ташбеҳи (антропоморфизми) илоҳиётшиносони пешина ва таъвили мўътазиларо рад кардааст. Зеро ба ақидаи ў ташбеҳ боиси ширк, таъвил (дорои сифате набудани худо) сабаби илҳод мегардад. Ў бо ёрии далелҳои мантиқӣ аҳкоми азалӣ ва номахлуқ будани Қуръонро ҳимоя ва исбот кардани мешуд: каломи оллоҳ чун худи оллоҳ азалӣ ва номахлуқ аст. Қуръон каломи худост, пас он азалию номахлуқ мебошад. Ин ақидаи мутафаккир ба нуқтаи назари илми ҳозира дар бораи пайдоиши китобҳои динӣ комилан зид аст.

А. минбаъд дар осори пайравони Ашъарӣ — Абўбакри Боқилонӣ (ваф. 1013), Абулисҳоқи Исфароинӣ (ваф. 1028), Абдулмалики Ҷувайнӣ (ваф. 1085), Муҳаммади Ғазолӣ (1058—1111), Фахруддини Розӣ (ваф. 1210), Шаҳристонӣ (ваф. 1153), Азудуддини Иҷӣ (ваф. 1355) ва дигарон вусъат ёфта ранги фалсафӣ гирифт. Онҳо ғояи азалияту абадияти оламро рад карда принципи офариниши оламро ҳимоя мекарданд. Ин мутафаккирон барои исботи офариниши олам назарияи таҳрифшудаи ҷузъи лоятаҷаззо ё ҷавҳари фард (назарияи атомӣ)-ро ба кор мебаранд: зарраҳо, ки олам аз онҳо таркиб ёфтааст, рўҳонӣ ва фонӣ буда, ҳар сари он аз тарафи худо аз нав офарида мешаванд. Атомистикаи ҳозира, ки хусусиятҳои асосии атом ва зарраҳои элементариро бо роҳи озмоиш ошкор кардааст, ин ақидаи А-ро рад менамояд. Ашъариён принципи сабабият ва қонуниятро рад карда, ба хурофот, каромот ва мўъҷизот роҳ мекушоянд. Онҳо ба дониши ҳиссӣ ва ақлӣ шак оварда, ё дониши ҳиссию ақлиро инкор карда, ба *ваҳӣ* ва *илҳом* рў меоваранд ва ба *агностицизм* моил мешаванд. А. бо мурури замон дар тамоми мамлакатҳое, ки равияи суннат ҳукмрон буд ва дар Эрон васеъ паҳн гардида чун илоҳиёти расмӣ шинохта шуда буд. Ҳоло дар баъзе мамлакатҳои хориҷии Шарқи мусулмонӣ кўшишҳои таҷдиди калом, аз ҷумла А. ва ба муқобили материализми диалектикӣ истифода бурдани он мушоҳида мешавад. Вале ин кўшишҳо барабасанд, зеро асри мо асри илму фалсафаи материалистист, на каломи ашъарӣ.

Ад.: Богоутдинов А. М., Очерки по истории таджикской философии, Сталинабад. 1961; Григорян С. Н., Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока, М., 1966; Петрушевский И. П., Ислам в Иране, Л., 1966; Адам Мец, Мусульманский ренессанс, М., 1973.

М. Диноршоев, Х. Додихудоев.

АШЬЕ, дар ҳуқуқи граждани, предмети моддӣ, объекти ҳуқуқи моликият ва диг. ҳуқуқҳои ашьёӣ. Қонун тартиби ҳуқуқии А.-и гуногунро муайян намуда, ба соҳибмулк ҳуқуқҳои молу мулк дошта, аз вай истифода бурдан ва ба он ихтиёрдорӣ карданро таъмин менамояд. А. ба воситаҳои истеҳсолоту воситаҳои истеъмолӣ тақсим мешавад. Ниг. низ *Ҳуқуқи ашьё.*

АШҚОБОД (ар. عشق ишқ ва тоҷ. обод, с-ҳои 1919—27 — Полторацк), пойтахти РСС Туркм. Дар ҳамвории назди доманаи к. Копетдоғ, дар баландии 214—240 м аз с. б. ҷой гирифтааст. Аз шимоли А. кан. Қароқум мегузарад. Аҳол. 302 ҳаз. наф. (1977). А. калонтарин маркази саноатӣ ва мадании республика. Соҳаҳои асосии саноаташ: мошинсозӣ, коркар-

Ашқобод. Бинои китобхонаи республикавии ба номи К. Маркс.

Ашқобод. Меҳмонхонаи «Интурист». Дар мадди охир — Театри Академӣ-драмавии ба номи Муллонафас.

ди металл, саноати сабук, хўрокворӣ масолеҳи бинокорӣ, электротехникӣ. Комб. шишабарории А. дар Осиёи Миёна калонтарин аст. Қолинҳои ф-каи қолинбофии А. дар тамоми ҷаҳон машҳуранд. Пас аз зилзилаи с. 1948 шаҳр аз нав обод гардид. Биноҳои нави зилзилатобовар сохта шуданд. Дар А. АФ РСС Туркм. (1951), бештар аз 35 муассисаи таҳқиқоти илмӣ, ун-т, ин-тҳои тиббӣ, политехникӣ, санъат ва х. к., 12 техникум ва мактабҳои миёнаи махсус, 4 театр (театри опера ва балет, 2 театри драма ва театри ҷавонон), филармонияи давлатӣ, киностудияи Туркманфильм, кинотеатрҳо, 38 китобхона, 3 музей (таърихӣ, кишваршиносӣ, санъати тасвирӣ), маркази телевизион (1959) мавҷуданд. Дар атрофи А. ёдгориҳои таърихӣ-археологӣ боқӣ мондаанд. Муҳимтарини онҳо харобаҳои мақбараи Анов (9 км шарқтар) ва вайронаҳои шаҳри қадимаи Нисои Кўҳна ва Нав мебошад.

А. янв. 1881 бунёд ёфтааст. Аввал истеҳкоми хурди ҳарбӣ ва маркази маъмурии вил. Закаспий буд. Баъди гузаронидани р. о. Закаспий (1885) ба маркази муҳими алоқаи тиҷорати империяи Россия бо мамлакатҳои Шарқ (махсусан Эрон) табдил ёфт. Аз охирҳои а. 19 ва аввали а. 20 А. маркази ҳаракати революционии Закаспий буд. С-ҳои 1917—24 марк. маъмурии вил. Закаспийи РСС Туркистон. Бо ташкил шудани РСС Туркм. (27 окт. 1924) пойтахт гардид.

АШҚОБОД, вилоят дар РСС Туркм. 27 дек. 1973 ташкил ёфтааст (бори ав. 21 нояб. 1939 ташкил шуда, 25 мая 1959 барҳам хўрда буд). Дар ҳамвории назди доманакўҳи Копетдоғ воқеъ аст. Вил. А. дар Ғ. бо вил. Красноводск, дар Шим. бо вил. Тошҳавз, дар Ш. бо вил. Марв ва дар Ҷ. ба воситаи қ-кўҳи Копетдоғ бо Эрон ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 95,4 ҳаз. км². Аҳол. 675 ҳаз. наф. (1977), асосан туркманҳо, инчунин русҳо, украинҳо, ўзбекҳо, қазоқҳо, тоторҳо, арманҳо, озариҳо ва г. зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 7 наф. Вилоят ба 7 район тақсим шуда, 3 шаҳр (Ашқобод, Бузмейин, Таҷан) ва 12 пгш дорад. Марказаш — ш. Ашқобод. Вилоят бо ордени Ленин мукофотонида шудааст (1977).

Қисми ҷан. вил-ро қ-кўҳҳои Сарҳадӣ, Марказӣ, доманаи к. Копетдоғ (вуқтаи баландтаринаш к. Шахшах — 2912 м), терр. боқимондаро ҳамвории воҳаи Таҷан ва регзори паҳновари Қароқуми Марказӣ ишғол кардааст. Сарватҳои зеризаминӣ: гаҷ, реги кварцӣ, доломит, оҳаксанг, сульфур. Боигарии асосиаш—гази табиии Қароқуми Марказӣ, Бодхеза Кўҳӣ ва ноҳияи Таҷан. Захираи гази ҳисоб кардашуда дар ин ноҳияҳо зиёда аз 150 млрд м³ аст. Иқлимаш хушк, ниҳоят континентӣ. Ҳарор. миёнаи солонаи Бокурдаки Биёбонӣ 16,4°С, воҳаи Ашқобод 15,7°С, дар Хайрободи Кўҳӣ 7,1° С. Ҳарор. миёнаи янв. дар Бокурдак 0,4° С, Ашқобод 1,0° С, Хайробод 4,1°С, июль мувофиқан 31,9; 29,3; 17,4°С. Боришоти атмосферӣ дар ҳудуди вилоят аз Шим. ба Ҷ. аз 85—115 мм (дар биёбони Қароқум) то 150—400 мм (дар доманаи кўҳҳо ва ноҳияҳои кўҳӣ) ме-



афзояд. Д-и калони вилоят — Таҷан (тӯлаш 1150 км); барои обьёрӣ ва аз об таъмин кардани воҳаи Таҷан аҳмияти калон дорад. Дар минтақаи назди Копетдоғ д-ҳои хурди Беурма, Супҷа, Секиз-аб, Қаросу, Фирӯза, Душак, Чаҳча ва ғ. мавҷуданд. Заминҳои доманаи к. Копетдоғ ва Таҷан обьёрӣ мешаванд; хокашои хокистарӣ ва тақирмонанданд; хоки кӯҳҳо хокистарию қаҳваранг; Қароқум бошад, асосан регзор аст. Олами наботот ва ҳайвоноти вилоят типи кӯҳию биёбонист.

Соҳаи асосии хоҷагии вилоят саноат буда, дар заминаи энергетикаи пуриқтидор (ГРЭС-и Бузмейин, иқтидораш 161 ҳаз. кВт ва ғ.) тараққӣ кардааст. Саноати сабук ва хӯрокворӣ ҷои аввалро ишгол карда, баъд аз он саноати масолеҳи бинокорӣ меистад. Маркази асосии саноат ш. Ашқобод аст. Дар ин ҷо з-ди истеҳсоли вентиляторҳои пуриқтидор, з-дҳои механикӣ, мошинсозӣ, хишт ва комб. шиша мавҷуданд. Дар ш. Бузмейин з-дҳои маснуоти оҳану бетонӣ, цемент, комб. хонасозии калонпанель ва ғ. воқеанд. Соҳаи асосии х. қ.— зироатчигӣ. Фонди замини вилоят 9 млн 763,4 ҳаз га. Заминҳои обьёришаванда — 261,4 ҳаз. га. Пахта, ғалла (гандум, ҷав), сабзавот ва зироати полизӣ кишт мекунанд. Боғдорӣ тараққӣ кардааст. Чорвои калони шохдор, шутур, гӯсфанду буз, аспи зотии ахалтекинӣ парварида мешаванд.

Тӯли умумии роҳҳои автомобильгард 1,9 ҳаз. км. Аэропорти калон дар ш. Ашқобод. Дар вилоят 5 мактаби олӣ (ун-т, ин-тҳои тиббӣ, политехникӣ, х. қ. ва институти педагогии санъат — ҳама дар ш. Ашқобод) ҳаст. Инчунин 15 мактаби миёнаи махсус, 341 мактаби таълими умумӣ (1975—76), китобхонаи оммавӣ (аз он ҷумла, китобхонаи республикавии ба номи К. Маркс ва бачагонаи ба номи А. С. Пушкин), 178 муассисаи маданӣ-равшанномӣ, 61 муассисаи табобатӣ, 18 таваллудхона, 166 пункти фельдшерию акушерӣ (1975), хонаи истироҳати республика (дар пос. Фирӯза) ва курорти Арчман мавҷуданд. 14 газета ва 26 журнал ба забонҳои туркманию русӣ нашр мешавад (1975). Газетаҳои вилоят: «Октябрык ялкымы» (Нури Октябрь) ва «Знамя Октября». *А. П. Лавров.*

АШӮЛА, як навъи сурудҳои лирикии халқӣ, ки аз чор мисраи ҳафтҳаштҳиҷоӣ иборат буда, дар шаҳру деҳоти районҳои шим. Тоҷикистон, маҳалҳои тоҷикнишини водии Фарғона, Тошкент ва Қӯқанд паҳн шудааст. Соҳаҳои гуногуни ҳаёти ичтимоӣ, оилавӣ ва маишии мардум мавзӯи А-ҳои халқӣ қарор гирифтаанд. А. одатан, дар ҷамъомадҳо ва маъракаҳо бо оҳангҳои шӯхи рақсӣ ичро карда мешавад. Ба онҳо қофиябандиҳои ааба, абаб, аабб хос аст. *Р. Амонов.*

АШӮРОВ Абдулло (тав. 1904, Хуҷанд, Ленинобод ҳозира), рассоми советии тоҷик. С. 1924 курси сеюми Омӯзишгоҳи бадеии кишваршиносии ш. Тошкентро хатм кард. Аз аввалин рассомони советии тоҷик. Аз с. 1945 аъзои ИР СССР. А. дар офаридани манзараҳои дилрабои диёри кӯҳистон, меҳнати мардуми деҳот, инчунин дар портретнигорӣ истеъдоди ҳудро нишон додааст. Бисьёр асарҳои ӯ, аз қабили «Автопортрет» (1940), «Ба ҷои ҷанговарон» (1944), «Тарака» (музеи муттаҳидаи республикавии таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Беҳзод), «Аълочиёни синфи 5» (1947, музеи халқҳои Шарқ, ш. Москва), «Портрети муаллим» (1955, музеи кишваршиносии Ленинобод), «Гӯсфандони ҳисорӣ» (1947), портрети Абдуррахмони Ҷомӣ (1964), «Пахтакорони Восеъ» (1971), «Қӯтоспарварон» (1972) ба таърихи санъати тасвирии тоҷик дохил шудаанд. А. иштирокчии выставкаҳои республикавӣ, умумиттифоқӣ ва байналхалқист. А. бо медальҳо мукофотонида шудааст.

А. Ашӯров. «Автопортрет». 1940.

АШӮРОВ Малик, ниг. *Иван-Тоҷик.*

АШӮРОВ Неъмат (1904, деҳаи Маҳрами Конибодом — 1973, Душанбе), ходими партиявӣ ва давлатӣ. Аъзои КПСС аз с. 1927. Аз оилаи деҳқони камбағал. Баъди хатми курси семоҳаи педагогии ш. Самарқанд муаллим шуд. С-ҳои 1929—30 раиси иттифоқҳои касабаи коркунони маорифи р-ни Конибодом. С-ҳои 1934—37 муҳаррири газетаи р-ни Кӯлоб, ҷонишини директори МТС-и р-ни Ҳисор. С-ҳои 1937—40 котиби якуми Комитети партиявии р-ни Заҳматобод (ҳоло р-ни Айнӣ), котиби дуюми Комитети партиявии округи Хуҷанд, котиби дуюми КМ ПК Тоҷ. С-ҳои 1940—41 шунавандаи Академияи ҳарбӣ-сиёсии ба номи В. И. Ленин ва ба номи М. В. Фрунзе. С-ҳои 1941—47 аъзои бюрои КМ ПК(б). Тоҷ., котиби КМ ПК Тоҷ., котиби якуми Комитети партиявии вил. Қӯрғонтеппа ва котиби якуми Комитети партиявии ш. Қӯрғонтеппа. С-ҳои 1947—49 дар Мактаби олии партиявии ш. Москва таҳсил кард ва баъди хатми он котиби якуми Комитети партиявии Вил. Автон. Бадахшони Кӯҳӣ интихоб гардид. С-ҳои 1949—60 вазири саноати ширу гӯшти Тоҷикистон, ҷонишини вазири х. қ. ва маҳсулоттайёркунии Тоҷикистон, вазири хоҷагии коммуналии республика. С-ҳои 1938—47 раиси Совети Олии РСС Тоҷ. Депутати Совети Олии СССР (даъвати 2), депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 3 ва 4). Дар съездҳои 4—6 аъзои КМ ПК(б) Тоҷ. ва дар съездҳои 8—10 номзад ба аъзоии КМ КП Тоҷ. интихоб шуд. Бо ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, 2 ордени «Нишони Фахрӣ», ордени Ҷанги Ватании дараҷаи якум ва бо медалу грамотаҳо мукофотонида шудааст.

АШӮРОВ Шарифбой (тав. 1904, қиш. Ғозиёни Хуҷанд), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1959). Аъзои КПСС аз с. 1938. С-ҳои 1931—58 колхозчӣ, механизатор, сардори бригадаи механиконида, мудири устохонаи таъмир, 1959—68 сардори бригадаи комплексии заминҳои нави Ҳотма буд. С. 1958 бригадаи А. ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Аз с. 1968 нафақахӯри шахсӣ. С-ҳои 1959—62 аъзои КМ ПК Тоҷ. интихоб шудааст. Бо ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АШӮРОВ Юсуфҷон (2. 5. 1907, қиш. Оқариқи Хуҷанд — 4. 2. 1973, р-ни Хуҷанд), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1949). Аъзои КПСС аз с. 1948. С-ҳои 1931—36 колхозчӣ, сардори звено ва 1949—73 сардори бригадаи пахтакории к-зи ба номи Ӯрунхӯҷаеви р-ни Хуҷанд буд. Звенои А. с-ҳои 1947—48 ҳосили фаровони пахтаи маҳиннах рӯёнданд. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АШӮРОВ Ғаффор (тав. 5. 3. 1930, Ғарм), файласуфи советӣ, аъзо-корр. АФ РСС Тоҷ. (1976), номзади илмҳои фалсафа, раиси шӯъбаи Тоҷи-

кистонии ҷамъияти фалсафии СССР. Аъзои КПСС аз с. 1953. Аз оилаи колхозчӣ. Ин-ти маданияти ш. Москва (МГИК)-ро хатм кардааст (1953). С-ҳои 1953—55 сармуҳаррир-мутаҳассис, баъдтар мудири кабинети методии китобхонаи давлатии ба номи А. Фирдавсӣ. С-ҳои 1955—58 аспиранти Шӯъбаи фалсафа, баъди хатми аспирантура аввал ходими илмӣ, баъд мудири сектори таърихи фалсафа (1960—64). Аз с. 1964 мудири Шӯъбаи фалсафаи АФ РСС Тоҷ.

Дар фаъолияти илмиаш доир ба се проблема тадқиқот мегузаронад: 1) таърихи афкори фалсафӣ ва ҷамъиятии халқи тоҷик; 2) марҳилаи ленинии инкишофи фалсафаи марксистӣ; 3) танқиди идеологияи антикоммунизм. Бо Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Философская и общественно-политическая мысль таджикского народа, дар кит.: История таджикского народа, т. 2, кн.: 1—2, М., 1964; Философские взгляды Носира Хисрава, Д., 1965; Идеи ленинизма и социально-политическая мысль в Таджикистане 20—30 годов, М., 1969; Философская и общественно-политическая мысль таджикского народа в конце XIX и начале XX вв., дар кит.: История философии в СССР, т. 4, М., 1971.

АШӮРОВ Ӯрӯнбой (1903, Фарғона — 1939), ходими партиявию советӣ. Аъзои КПСС аз с. 1919. Аз оилаи деҳқони камбагал. Дар мактаби русии маҳаллӣ ва омӯзишгоҳи Фарғона хондааст. С-ҳои 1918—20 ҳуруфчини матбааи вил. Фарғона буд. С-ҳои 1920—25 ходими оперативии органҳои Комиссияи фавқулодда оид ба муборизаи зидди контрреволюция, ҳаннотӣ ва саботаж дар вил. Фарғона, мудири шӯъбаи Комитети партиявии уездию шаҳрии Маргелон, муовини раиси Комитети революционии уезди Маргелон, раиси Комичрояи уезди Фарғонаи РАСС Туркистон. С-ҳои 1925—29 котиби масъули Комитети партиявии ш. Фарғона, котиби якуми Комитети партиявии округи Андиҷон. С-ҳои 1929—30 шунавандаи курсҳои марксизми назди Академияи коммунистӣ дар Москва. С-ҳои 1931—34 раиси Колхозцентри (маркази оид ба корҳои колхозҳо) Осиёи Миёна, ҷонишини мудири шӯъбаи корҳои ташкилию партиявӣ, мудири шӯъбаи маданият ва пропагандаи Бюрои Осиёмиёнагии КМ ВКП(б). С-ҳои 1934—37 котиби дуюми КМ ПК(б) Тоҷ., инструктори масъули КМ ВКП(б), котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷ. Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

АШӮРОВА Тошбибӣ (тав. 1925, деҳаи Оқмачити Регар), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1947). Аъзои КПСС аз с. 1951. С-ҳои 1938—53 колхозчӣ, сардори звено ва аз с. 1954 колхозчии к-зи «Съезди 20 партия». Звенои А. с. 1947 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. А. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2—4). Бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АШӮРОВА Қимат (тав. 1915, қиш. Дурбати Ҳисор), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1957), Аълочии маорифи халқи РСС Тоҷ. (1960). Аъзои КПСС аз с. 1955. С-ҳои 1934—58 сардори звено ва бригадаи пахтакории к-зи «Тоҷикистони Сурх», 1958—60 раиси к-зи ба номи Дзержинский, 1960—71 раиси С. қ.-и Дурбати р-ни Ҳисор. Аз с. 1971 нафақахӯри шахсӣ. Бригадаи А. с-ҳои 1955—57 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. А. вакили Конференцияи тарафдорони сулҳ (Москва, 1950) ва съезди 2-юми колхозчиёни СССР (1957). А. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2—5). Бо ордени Ленин, медальҳо (аз ҷумла бо 10 медали тилло, нуқра, биринҷии ВКХХ СССР), Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АЪЗО, системаи узвҳои организми ҳайвонот, одам ва растанӣ, ки як ё якчанд вазифаҳои махсусро ичро мекунанд. Дар ҳайвонот ва одам мағзи сар, дил, чашм, ҷигар, меъда ва дар растанӣ реша, тана, барг, гул мисолҳои А.-анд. Ҳамаи А.-ҳои организм ба ҳамдигар алокаманд мебошанд ва дар ичрои вазифаи ҳуд ба А.-и том будани организм далолат мекунанд (нигр. *Корреляция*). А.-ро аз рӯи вазифаҳои асосии онҳо тасниф мекунанд. Мас., дар ҳайвонот А.-ҳои ҳаракат, ҳозима, нафас, гардиши хун, ифроз ва г.; дар растанӣ А.-ҳои фотосинтез, ҷаббиш ва г.; дар ҳайвоноту растанӣ А.-и афзоиш ва г. Аксари А.-ҳо вазифаҳои гуногуниро ичро мекунанд. Дар процесси инкишофи таърихии организмҳо маҳдудияти вазифа ва тахфиф (редукция)-и А. (мас., тахфифи чашм дар ҳайвонҳои зериламинӣ ва ғор, тахфифи гардбарги гули растаниҳои оилаи лабгулҳо, астармолаиҳо ва г.), афзудан ё инкишофи аз ҳад зиёди сохти морфологии А. (мас., инкишофи шуш дар як қатор мӯҳрадорони хушкигард; инкишофи аз ҳад зиёди реша дар растаниҳои мавзеъҳои хушк) натиҷаи талаботи навъи организм дар шароити тағйирёфтаи муҳити зист ва интихоби табиӣ мебошад.

АЪЗОИ БОСИРА, аъзои ҳайвонӣ ва одам, ки ангезиши равшаниро дарк мекунад. Ҳамаи мӯҳрадорон ва аксари бемӯҳраҳо (ғайр аз ифанч) А. б. доранд. Унсури асосии А. б.-и ҷонзоти бисьёрҳуҷайра фоторецептор (ҳуҷайраи ҳисси босиравӣ) аст. А. б. равшаниро бо сегменти беруниӣ дарк мекунад. А. б.-и аксари ҳайвонот дар сар ҷойгир шуда, ба воситаи асабҳои босиравӣ бо маҳина алоқаманд аст. А. б.-и соддатар аз ҳуҷайраҳои алоҳидаи босира иборат аст, ки дар байни ҳуҷайраҳои эпителиявӣ дар рӯи бадан воқеъ гардидаанд ва қобилияти доранд, ки танҳо равшаниро аз торикӣ (мас., дар кирми лойхӯрак) фарқ кунанд. А. б.-и баъзе рӯдаковокон ва кирмҳо доғҳои чашм номида мешаванд. Ин доғҳо дар эктодерма воқеъ буда, аз ҳуҷайраҳои босиравӣ ва пигментӣ иборатанд. А. б.-и баъзе рӯдаковокҳо ва нармбаданҳо дар натиҷаи мураккабшавӣ ҳубоб ё ҷомшакл гардиданд. А. б.-и баъзе бандпойҳо, ҳалқакирмҳо ва нармбаданҳо аппарати диоптрӣ ва рӯшноишикан дорад. А. б.-и аксари харчангшаклон ва ҳашарот аз омматидий (чашми фасетӣ) иборат аст. Чунин А. б. ба дарки шакли ашёё ва аз наздик дидан имконият диҳад ҳам, аммо мувофиқати аккомодационӣ (татбуқи) надорад. А. б.-и одам, мӯҳрадорҳо ва баъзе бемӯҳраҳо (мас., нармбаданҳои каллано) хеле такомул ёфтаанд. Нигр. низ *Чашм*.

АЪЗОИ ЗОИҚА, нӣёзакҳои зоиқа, аъзое, ки ба воситаи онҳо мазза фаҳмида мешавад. А. з. қисми периферии анализатори зоиқа буда, аз ҳуҷайраҳои махсуси ҳассос (рецепторҳои зоиқа) иборат аст. Дар рӯдаковокҳо вазифаи А. з.-ро ҳуҷайраи ба ангезиши химияви ҳассос, дар ҳашарот овелаҳои конусшакли деворааи даҳон ва сурхрӯда ва дар моҳиҳои устуҳондор ниёзакҳои зоиқавии чавфи даҳон, сурхрӯда, лаб, мӯйлабчаҳо ва ҳалсама ичро мекунанд. Дар обҳокиҳо, моҳиҳои лубаҳра А. з. дар даҳон ва баъзан дар бинӣ, дар ҳазандаву парандаҳо ва пирҳӯрон дар забон, ком, ҳалқ ҷойгир мешаванд. А. з.-и одам асосан дар пистонакҳои руи забон воқеанд. Ғайр аз ин дар рӯи ком, деворааи ин-

тиҳои ҳалқ, бодомак ва дар болои ҳапчара А. з-и алоҳидаи дорои хоракҳои зоиқавии 2—6-ҳуҷайравӣ вуҷуд доранд. Қисми болоии ҳуҷайраи зоиқа мӯякчаҳо дорад, ки онҳо ангезиши моддаҳои химиявӣ ба вуҷуд оварандаро ҳис мекунанд. Ангезиши ҳуҷайраҳои зоиқа ба қишри магзи сар меравад ва дар он ҷо мазза дарк мешавад.

АЪЗОИ ЛОМИСА, ниг. *Ломиса*.

АЪЗОИ НАФАС, аъзое, ки мубодилаи газро байни организм ва муҳити атроф таъмин менамояд. Организмҳои аэробии (ниг. *Аэробҳо*) дараҷаи паст (соддатаринҳо, исфанҷ рӯдаковокҳо ва ғ.), инчунин *анаэробҳо* А. н. надоранд, вале бо тамоми бадан нафас мегиранд. Дар ҳайвоноти бисьёрҳуҷайраи дараҷаи олӣ, ки қисми зиёди ҳуҷайраҳояшон бо муҳити атроф алоқаманд намебошанд, аз худ кардани оксиген ва хориҷ кардани гази карбонат дар узвҳои махсус ба амал меояд. Организмҳое, ки оксигени ҳавои атмосфераро истифода мебаранд, *шуш* (обхокиҳо, ҳазандаҳо, паррандаҳо, ширхӯрон инчунин моҳиҳои дубаҳранафасгиранда ва панҷабол) ё *хирной* (аксари ҳашаротҳо) доранд. Дар организмҳое, ки оксигени дар об ҳалшударо фурӯ мебаранд (моҳӣ, баъзе бандпойҳо, ҳамаи нармбаданҳо, кирмҳои дараҷаи олӣ, кафлесаки баъзе обхокиҳо) *ғалсама* инкишоф меёбад.

АЪЗОИ РУДИМЕНТАРӢ, аъзое, ки дар процесси инкишофи таърихии организм аҳамияти аввалаи физиологиашонро гум кардаанд. А. р. одатан аз функцияи хоси аъзо маҳрум буда, дар баъзе ҳолатҳо аз ҳад зиёд тараққӣ мекунанд (ниг. *Атавизм*). Ба А. р. чашми баъзе ҳайвонҳои ғорӣ ва заминкоб мисол шуда метавонад. Ба А. р.-и одам кирмрӯда *(аппендикс)*, мушаки гӯш, дандони ақл ва ғ. (зиёда аз 100 А. р.) мансубанд. А. р. ҳам ба монанди боқимондаҳои ҳайвоноти мурдарафта барои донистани марҳалаҳои *филогенез* ёрӣ мерасонад.

АЪЗОИ СОМЕА, системаи узвҳои ҳисси одам, мӯҳрадорон ва баъзе ҳайвонҳои бемӯҳра, ки лаппиши садои муҳитро қабул менамоянд; қисми периферии анализатори сомеа. Дар одам ва ҳайвонҳои мӯҳрадор гӯш бо аъзои мувозанат якҷоя ҷойгир шудааст. Аз бемӯҳраҳо ҳашарот А. с. (садопардаи пой) дорад. Дар ширхӯрон ва одам *гӯш* А. с. буда, дар даруни он узви Корти (анализатори механикии сомеа) ҷойгир шудааст.

АЪЗОИ ШОММА, узвҳои ҳисси бӯй, ниг. *Шомма*.

АЪЗОИ ЭЛЕКТРӢ, аъзои баъзе моҳиҳо (аждармоҳӣ, лаққамоҳии электрнок, мормоҳии электрнок), ки то 600 вольт шиддати разряди электрӣ дорад ва барои ҳимоя, дарафтодан, ориентация кардан ва сигналдиҳӣ хизмат мекунад. А. э. мушаки аз ҷиҳати морфологӣ ва физиологӣ шаклдигаркардаи рах-рахи кӯндаланг буда, дар ҳар ду тарафи сар ё дум ва ё дар зери пӯсти бадан ҷойгир мешавад. А. э. аз пластинкаҳои ба тарзи махсус ба батареяҳо муттаҳидшуда (аждармоҳӣ дорои 400—600 батареяҳои ҳар якеашон 400 пластинканок аст) иборат мебошанд. Ба пластинкаҳо шохаҳои асаб меоянд. Фаъолияти А. э. ба таври рефлекторӣ ба вуқӯъ меояд.

АЪЗОИ ҲИС, аъзои махсус, ки ба воситаи он ҳайвон ва одам таъсири муҳити берунаро дарк мекунад ва месанҷад. Ҳар як А. ҳ. аз *рецепторҳо* ва узвҳои ёрирасон иборат аст. Рецепторҳо танҳо ангезиши муайян (равшанӣ, садо ва ғ.)-ро қабул мекунанд. Вобаста ба ин *аъзои босира, аъзои сомеа*, аъзои *шомма, аъзои зоиқа* ва аъзои *ломисаро* аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Рецепторҳо таъсири ангезандаҳоро ба импульсҳои асабӣ табдил медиҳанд, ки онҳо бо роҳҳои афферентӣ (аз периферия ба марказ раванда) ба қисмҳои муайяни қишри магзи сар меравонанд. Қисмҳои А. ҳ. чун механизми тому мураккаб кор мекунанд, ки онҳоро И. П. Павлов *анализаторҳо* номидааст.

АЪЗОИ ҶИНСӢ, аъзои афзоиши ҷинсии организмҳо. А. ҷ.-и ҳ а й в о н о т ва о д а м инҳоанд: ғадудҳои ҷинсӣ (нутфадон, ки нутфа тайёр мекунад ва тухмдон, ки тухмҳуҷайра тайёр мекунад), маҷрои ҷинсӣ (ҳаи нутфабарор ва ҳаи тухмакбарор), узвҳои иловагӣ (ғадудҳое, ки дар ҷинси нар барои нутфа муҳити физиологӣ ва дар ҷинси мода пардаи тухмҳуҷайраю нутфақабулкунанда ҳосил мекунанд) ва аъзои копулятивӣ (чимой). Дар организмҳои зиндазо аъзои тавлиди насл ҳам ба А. ҷ. дохил мешавад. Аксари намудҳои ҳайвонот ҷудоҷинсаанд (ниг. *Ҷинс*), барои баъзе бемӯҳраҳо *хунсой* (мас. кирми лойхӯрак) хос аст. А. ҷ. нишонаи аввалини ҷинс аст. Гонадаҳо (нутфадон ва тухмдон) метавонанд дар ҳайвоноти бемӯҳра вуҷуд надошта бошанд (мас., дар исфанҷҳо ва баъзе кирмҳои мӯякбадан ҳуҷайраҳои ҷинсӣ дар паренхима парокандаанд) ва ё шаклҳои махсусгардонидашудаи тоқа ё ҷуфтро дар қисмҳои гунонуни бадан (мас., дар ҳалқакирмҳо, нармбаданҳо, бандпойҳо, сӯзанӣӯстҳо ва ғайра) ба вуҷуд оранд. Баъзан маҷрои ҷинсӣ бо гонадаҳо пайваст нест. Дар ҳайвоноти мӯҳрадор А. ҷ. бо аъзои ихроҷ, ки системаи аъзои шошаю таносулро ташкил мекунанд, алоқаманд аст. Маҳсулоти ҷинсӣ аз организм ба воситаи масомаҳои ҷинсӣ (дар гирдадаҳонҳо); ба воситаи ҳаи системаи ихроҷ, ки ба клоака (дар ҷоғдаҳонҳо) ё ба берун (дар моҳиҳои устухондор) кушода мешавад; ба воситаи ҳаи тухмакбарор, ки ба клоака (мақъад) кушода мешавад (дар обхокиҳо, ҳазандаҳо ва паррандаҳо) ба берун бароварда мешавад. Ҳариб дар ҳамаи ҳазандаҳо, баъзе паррандаҳо ва моҳиҳо аъзои копулятивӣ тараққӣ кардааст. Тухмдони ширмакон дар қисми оқиби ҷавфи шикам ҷой гирифтааст. Дар клоакадорҳо тухмдон ва ҳаи тухмакбарорҳо ҷуфт ба ҷавфи системаи шошаю таносул кушода мешавад. Қисми оқиби ҳар як ҳаи тухмакбарор васеъ шуда, бачадонро ташкил кардааст. Дар ҳайвоноти ҳалтадор ҳар як ҳаи тухмакбарор аз се қисм: канали фаллопӣ, бачадон ва маҳбал иборат аст. Дар ҳамроҳакдорҳо қисми оқиби ҳаи тухмакбарор якҷоя шуда даромадгоҳи маҳбалро ташкил мекунад. Нутфадони клоакадорҳо, баъзе ҳашаротхӯрҳо, китшаклҳо, филҳо ва ғ. як умр дар қисми оқиби шикам ҷойгир аст. Дар ҳалтадорҳо ва аксари ҳамроҳакдорҳо аз ҷавфи бадан ба ҳалтачаи моя мефарояд. Одам А. ҷ.-и дохилӣ ва берунӣ дорад. Нутфадон бо қисми изофааш, ҳаи нутфагузарон, пуфакчаҳои тухм, ғадудҳо (ғадуди простата, ғадуди пиёзакӣ) А. ҷ.-и дохилии мардонаро ташкил медиҳанд. Олоти таносул ва ҳалтаи моя А. ҷ.-и берунаи мардро ташкил мекунанд. А. ҷ.-и дохилии занона аз тухмдон ва ҳаи тухмакбарор, бачадон ва маҳбал иборат аст. Лаби калон ва хурди фарҷ, клитор А. ҷ.-и берунаи занонаро ташкил медиҳанд. Маҳбал дар духтарон бо пардаи бакорат пӯшида шудааст.

А. ҷ.-и р а с т а н и ҳ о и гурӯҳҳои гуногуни систематикӣ сохти ҳархела дорад. Дар бештари обсабз ва занбӯруғҳои дараҷаи паст А. ҷ.-и нар ва мода (гаметангияҳо) аз ҷиҳати морфологӣ фарқ мекунанд. Дар ҳамаи растаниҳо (ғайр аз растаниҳои тухмдор) А. ҷ.-и нарина *антеридий* ва модина *оогоний* (дар аксари *обсабзҳо* ва *оомицетҳо*), *архикарп* (дар *аскомицетҳо*), *архегоний* (дар *ушна, луч-тухмҳо* ва ғ.) номида мешавад. Дар пӯшидатухмҳо баъзан гардбаргро А. ҷ.-и нарина ва мевадонро А. ҷ.-и модина меноманд. Аммо дар гард танҳо як ҳуҷайраи ҷинсиро А. ҷ.-и нарина ва дар тухммуғча узви сеҳуҷайравии ҳуҷайратухмро А. ҷ.-и модина ҳисоб кардан лозим аст.

АЪЗОИ ҶУМЛА, муҳимтарин воҳиди синтаксисӣ, ки бо калимаҳои мустақилмаъно ё таркибҳо ифода ёфта, дар сохтани ҷумла ҳамчун материали асосӣ хизмат мекунад. Як қатор А. ҷ. бо ҳамдигар муносибатҳои маъноӣ ва грамматикӣ пайдо карда, фикрро ифода мекунанд. Дар сохтани ҷумла мубтадо — соҳиби амал ва хабар — ифодакунандаи амалу ҳолат ва аломати мубтадо — роли муҳим мебозанд, бинобар ин мубтадою хабарро сараъзоҳои ҷ. меноманд. Хабар шахс, шумора ва замони воқеъ гардидани таъсиру ҳаракати мубтадоро нишон медиҳад. Ба-

рои ифодаи пурраи мақсад А. пайрави ҷ. (муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) мавҷуданд, ки дар ҷумла мубтадою хабар ва ё ҳамдигарашонро аз ҷиҳати муносибатҳои гуногун: аломату соҳибият, замону макон, сабабу мақсад, объекти амал ва ҳоказо эзоҳ медиҳанд. Он А. ҷ.-ро, ки бо ёрии калимаву таркибҳои дигар эзоҳ ёфтааст, А. тафсилии ҷ. меноманд. Аз ду зиёда мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ё ҳол пайваст шуда омада, муносибатҳои грамматикии якхеларо ифода мекунанд ва А. чидаи ҷ.-ро ташкил медиҳанд: «Майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда, пажмурда шуда буданд» (мубтадо ва пуркунандаи чида). А. истисноии ҷ. бар эзоҳи А. асосӣ омада, объект ё замону макони амалро равшантар мегардонанд: «Яроҳо дар ҷояшон, дар гӯшаи хона истода буданд».

Б. Камолиддинов.

АЪЗО-КОРРЕСПОНДЕ́НТ, унвони академӣ дар СССР ва баъзе мамлакатҳои дигар (мас., Франция). Дар СССР ба унвони А.-к. олимоне мушарраф мегардад, ки барои комьёбиҳои барҷастаашон дар ин ё он соҳаи илм ба ҳайати АФ СССР, АФ республикаҳои иттифоқӣ ва ё ба ҳайати академияҳои соҳавӣ интихоб шудаанд. Муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони ҷудогона ҳуқуқ доранд, ки ба А.-к.-ӣ номзад пешбарӣ намоянд; номзадҳои ба А.-к.-ӣ пешбаришуда дар матбуот эълон карда мешаванд. А.-к.-ҳо дар шӯъбаҳои дахлдори АФ бо овозҳои пинҳонӣ интихоб шуда, онҳоро маҷлиси умумии академия тасдиқ менамояд. А.-к.-ҳо дар асоси программаи академияҳо корҳои илмӣ мебаранд. Дар АФ РСС Тоҷ. 24 наф. акад. 27 наф. А.-к. ҳаст (1977).

АЪЗОҲОИ МОНА́НД, дар математика, ниг. *Узвҳои монанд.*

АЪЛА́М (ар. اعلم — олими намоён), яке аз мансабҳои калонтарини рӯҳонӣ, донандаи қонуну қоидаҳои шариат. Вазифаи А. мӯҳр гузоштан ба фатвои *муфтиён* буд, ки дар асоси он *қозиҳо* ҳукм мебаровардаанд. Ин мансаб дар Осиёи Миёна то Рев. Октябрь вуҷуд дошт.

АЪЛО́ЕВ Аъло (тав. 7. 11. 1932, ш. Самарқанд), дойрадаст. Арт. Халкии РСС Тоҷ. (1974). Мусиқӣ ва дойранавозиро аз падару модараш омӯхтааст. С-ҳои 1946—56 солисти Филармонияи давлатии Тоҷикистон. С-ҳои 1949—52 дар Омӯзишгоҳи мусиқии республикавии Душанбе таҳсил мекунад. Аз с. 1956 ҳунармандиҳо дойрадасти Театри академии давлатии опера ва балети ба номи Айнӣ. Лауреати Фестивали 6 умумиҷаҳонии ҷавонон ва студентон дар Москва (1957). Дар ҳайати дастаҳои артистони советӣ ба гастроли мамлакатҳои хориҷӣ (Польша, Венгрия, РДГ, Франция, Англия, Голландия, Бельгия,

А. Аълоев бо се дойра.

Швейцария, Канада, мамлакатҳои араб, Африка ва Америкаи Лотинӣ) рафтааст. Бо медальҳо мукофотонида шудааст.

«АЪЛОЧИИ МАОРИФИ ХАЛҚ», нишони сарисинагӣ, ки бо он коркунони беҳтарини муассисаю корхонаҳои Вазорати маорифи халқи республикаҳои иттифоқӣ ва иттифоқи касабаи коркунони маориф, мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ мукофотонида мешаванд. Кормандони беҳтарини соҳаҳои дигар, ки дар кори маорифи халқ хизмати шоиста кардаанд, бо таъсиси вазоратҳо ва муассисаҳои дахлдор низ бо ин нишон сарфароз мегардаанд.

«Аълочии маорифи халки Тоҷикистон» с. 1944 таъсис ёфт. Дар Тоҷикистон 7052 наф. кормандони соҳаҳои илм, маданият ва мактаб ба гирифтани нишони «А. м. х.» муваффақ шудаанд (1977). Нишони «Аълочии маорифи халқи СССР» с. 1967 таъсис шудааст. То с. 1977 189 наф. кормандони маорифи халқи республикаамон дорандаи ин нишон буданд.

АЪРО́Ф (ар. اعراف), номи макони мавҳум, ки гӯё дар байни *биҳишту дӯзах* воқеъ аст. Аз рӯи ривоятҳои мусулмонӣ, ҳамаи одамони ба Муҳаммад имонноаварда (ҳатто падару модари худи ӯ) то рӯзи *қиёмат* дар А. мемонданд. Таълимот дар бораи А. мисли биҳишту дӯзах як воситаи дар рӯҳи худотарсӣ тарбия кардани омма мебошад.

АЭРА́ЦИЯ (аз *аэро...*), 1) А.-и биноҳо — ивазшавии табиии ҳавои бино, ки ба туфайли мавҷудиятии фарқи зичиҳои ҳавои даруну берунии бино ва таъсири бод ба девору бом он ба вуҷуд меояд. А. дар биноҳои саноати ва цехҳое, ки гармии зиёд доранд (цехҳои оҳангарӣ, рехтагарӣ, прокат ва ғ.) татбиқ мешавад. Ҳавои берун аз бодхани қисми поёнии бино дарун даромада, ҳавои гарм ва ифлосгаштаро аз бодхани қисми боло танг карда мебарорад ва ҳавои дарунии биноро бе сарфи энергия тозаву салқин нигоҳ медорад (ниг. низ *Вентиляция*). 2) А.-и об — аз оксигени ҳаво бой гардондани об. Дар иншооти софкории системаи водопровод (ба мақсади аз таркиби об дур кардани гидроксиди оҳан, гази карбонат ва гидрогенсулфиди озод, ки дар натиҷа сифати об беҳтар мегардад) ва дар иншооти софкории биологии гандаобҳо — аэротенкҳо, аэрофильтрҳо ва биофильтрҳо (барои таъмини фаъолияти ҳаётии микроорганизмҳое, ки оксидшавии моддаҳои органикӣ ва ғашҳои дигари дар обҳои ифлос ҳалшударо ба эмал меоранд) васеъ кор фармуда мешавад. 3) А.-и хок — ивазшавии ҳавои таркиби хок бо ҳавои атмосфера, ки барои сабзишу инкишофи растаниҳо зарур аст. Дар ин вакт ҳавои таркиби хок бо оксиген, ҳавои қабати наздизаминии атмосфера бо гази карбонат (CO_2) бой мегардад. Ниг. низ *Хок.*

АЭРЕНХИ́МА (аз *аэро...* ва юн. enchyma — пур кардан, дар ин ҷо ба маъноҳои бофта), бофтаи растанӣ, ки дар байни ҳуҷайраҳои он холигӣ мавҷуд аст. Дар ин холигиҳо растанӣ оксиген ва гази карбонатро нигоҳ дошта, дар ҳолати ба шароити анаэробӣ афтодан сарф мекунад. А. барои растаниҳои обӣ ва ботлоқӣ хос аст.

АЭРО... (юн. aēr — ҳаво), қисми калимаи мураккаб, ки ба маъноҳои «ҳавой» меояд (мас., *аэростат, аэродинамика* ва ғ.).

АЭРОБҲО́ (аз *аэро...* ва юн. bios — ҳаёт), организмҳое, ки дар муҳити оксигени озоддошта зиндагӣ мекунад ва бо ҳамин хусусияташон аз

анаэробҳо фарқ мекунанд. Аксари растанӣ, ҳайвонот ва микроорганизмҳо аз қабили А.-анд.

АЭРОДИНАМИКА (аз *аэро*... ва юн. dýnamis — қувва), фасли *аэромеханика*; илмест дар бораи қонунҳои ҳаракати ҳаво (муҳити газмонанд), ҳаракати ҷисмҳо дар он ва инчунин ба вуҷуд омадани ҳодиса, қувва ва моменти қувваҳое, ки ба ҷисми дар ҳаво ҳаракаткунанда таъсир мекунанд. А. заминаи назариявии авиация, метеорология ва асоси ҳисобкуниҳои аэродинамикии самолётҳо ва диг. аппаратҳои париши муосир мебошад.

Муайян намудани қувваи болобардор, қувваи муқовимат, моменти қувваҳо, тақсимоти фишор ва самти ҷараёнҳо, ки бар сатҳи ҷисми дар ҳаво ҳаракаткунанда (ё ҷисми дар сели ҳаво ҷойгир шуда) пайдо мешаванд ва инчунин ҳосил кардани характеристикаҳои аэродинамикии аппаратҳои париши гуногун вазифаи муҳимми А. ба шумор меравад.

Бо тақозои авиация, А. ҳамчун илми мустақил дар ибтидои а. 20 ташаккул меёбад. Асосгузорони А.-и замони ҳозира олимони рус Н. Е. *Жуковский* ва С. А. *Чаплыгин* мебошанд. Дар назария ва амалияи А. инчунин олимон Ф. Ланчестер ва Г. Глауэрт (Англия), Л. Прандтль (Германия), Х. Драйден ва Т. Карман (ШМА), Ж. Эйфель (Франция) ва диг. саҳми бузург гузоштаанд.

Одатан А.-ро ба се қисм: назариявӣ, экспериментали (таҷрибавӣ) ва амалӣ ҷудо мекунанд. А.-и назариявӣ қонунияти ҳаракати муҳити газмонанд ва қувваи таъсироти онро ба ҷисм бо усули таҳлили математикӣ меомӯзад.

Дар ин маврид фарз карда мешавад, ки гӯё ҳаво ғилзат (қобилияти соишхӯрӣ) надорад, яъне ҳаво ҳамчун гази «идеалӣ» пиндошта мешавад. Аз ин сабаб лозим меояд, ки натиҷа ва хулосаҳои назариявӣ дар асоси таҷрибаҳои дар шароити реалӣ (дар ҳавои реалии ғилзатнок) гузаронида шуда ислоҳ ва пурра карда шаванд. Намунаи барҷастатарини тадқиқотҳои доир ба А.-и назариявӣ асарҳои Н. Е. Жуковский «Оид ба назарияи париш» (1891), «Дар бораи парвози парандаҳо» (1892), «Дар бораи гирдбодҳои пайваста» (1907) ва ғ.-ҳо мебошанд, ки дар онҳо назарияи пайдоиши қувваи болобардори болҳо (қанотҳо), миқдоран муайян намудани бузургии он қувва (теоремаи Н. Е. Жуковский, 1904), аз ҷиҳати назария имконпазир будани фигураи пилотажи олӣ — ҳалқаи ҳавоӣ (бори аввал лётчики рус П. Н. Нестеров с. 1913 ба амал овардааст) ва диг. масъалаҳои умдаи А. асоси илмӣ ёфтаанд. А.-и назариявӣ дар асоси таҳлили қонунияти ҷараёни ҳаво *назарияи шабоҳат* ва *моделониро* ба вуҷуд овард. Ин имконият медиҳад, ки қувваҳои ба аппарати париш таъсиркунанда бо роҳи санҷиши модельҳои андозааш хурди он аппарат муайян карда шаванд. Назарияи моделони шарт ва шароитеро, ки дар он модель санҷида мешавад, муайян мекунад ва аз ин рӯ асоси назариявии А.-и экспериментали мебошад.

А.-и экспериментали ҳаракати ҳаво ва таъсири қувваҳои ба ҷисми дар ҳаво ҳаракаткунандаро (мас., аппаратҳои париш, қисмҳои аппарати париш, ракетаҳо ё ки модельҳои онҳо ва ғ.-ро) бо роҳи дар карнайҳои (трубаҳои) аэродинамикӣ таҷриба гузарондан ё онҳоро бевосита дар парвоз санҷидан, меомӯзад.

Муайян кардани бузургӣ ва миқдори қувваҳои аэродинамикие, ки ба ҷисм таъсир мекунад, яке аз вазифаҳои асосии А.-и экспериментали мебошад. Вай натиҷа ва хулосаҳои А.-и назариявиро дар асоси таҷрибаҳо пурра месозад. А.-и амалӣ қонунҳои аэродинамикиро дар амалия, яъне дар сохтани самолётҳо ва диг. аппаратҳои гуногуни париш ва инчунин аппаратҳое, ки дар асоси қувваи ҳаво кор мекунанд (мас., муҳаррикҳои бодӣ ва ғ.) татбиқ мекунад. Қисми махсуси А.-и амалӣ — аэродинамикаи самолёт масъалаҳои парвози самолёт, усули ҳисобкунии аэродинамикии самолёт, қисмҳои он (болҳо, думбол, фюзеляж ва ғ.), винти ҳавоӣ, динамикаи парвоз (муайян кардани қувва ва моменти қувваҳои ба самолёт ва қисмҳои он таъсиркунанда, ҳисоб кардани устуворӣ ва мувозинати самолёт) ва ғ.-ро меомӯзад.

Вобаста ба андозаи суръат ва баландии парвоз А.-ро ба А.-и суръатҳои хурд (суръатҳои аз суръати садо камтар, тақр. то 1200 км/соат), А.-и суръатҳои калон (динамикаи газ), А.-и баландиҳои бузург (супераэродинамика) ҷудо мекунанд.

Бо зиёд шудани суръат ва ба суръати садо наздик шудани он, лозим меояд, ки ба характеристикаҳои аэродинамикии ҷисм таъсири калони хосияти фушурдашавандагии ҳаво ба назар гирифта шавад. Ҳангоми бо суръати калон (зиёда аз суръати садо) дар ҳаво ҳаракат кардани ҷисм (мас., самолётҳои фавқуссадо, ракета ва аппаратҳои кайҳонӣ ва ғ.) бар сатҳи он *мавҷҳои зарбатӣ* ба вуҷуд меоянд, дар натиҷа муқовимати аэродинамикӣ меафзояд, ҷисм метафсад. Маҷмӯи масъалаҳои аэродинамикиро, ки ба суръатҳои калони ҳаракати ҷисмҳо тааллуқ дорад, А.-и суръатҳои калон ё *динамикаи газ* меомӯзад. А.-и газҳои зичиаш ниҳоят тунук, ки дави озоди молекулаҳои он ба андозаи ҷисми дар он ҳаракаткунанда наздик аст, А-и баландиҳои бузург ё супераэродинамика номида мешавад. Дар атмосфера чунин шароит дар баландиҳои 100 км ва зиёда аз он дучор мешавад. Соҳаи васеъи А.-и ғайрианиационӣ, ки назария ва амалияи муҳаррикҳои бодӣ, бодбезакҳо, эжекторҳо, техникаи вентиляционӣ ва ғ.-ро дарбар мегирад, А.-и саноатӣ ном дорад.

Сифат ва характеристикаҳои аэродинамикии аълои аппаратҳои париши авиационӣ, кайҳонӣ ва диг.-ҳо ба ривоҷу равнаки илми А. дар даврои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва минбаъд зич вобаста аст. Дар ин даврҳо ба тараққиёти А. олимони советӣ А. А. *Дородницын*, М. В. *Келдыш*, Л. И. *Седов*, С. А. *Христианович*, Б. Н. *Юрьев* ва диг. саҳми калон гузоштанд.

Ад.: Фабрикант Н. Я., Аэродинамика. Общий курс, М., 1964; Краснов Н. Ф., Аэродинамика. Учебник, М., 1971.

А. Ҳоҷиев.

АЭРОДРО́М (аз *аэро*... ва юн. dromos — дав, ҷои давидан), маҷмӯи иншооту таҷҳизот ва майдоне, ки барои парвозу фурудой, ҷойгиркунӣ ва нигоҳубини самолётҳо таъин шудааст. А. ҳарбӣ ва граждани, доимӣ ва муваққатӣ мешавад. Вобаста ба масоҳат, мустаҳкамии майдони парвоз ва навъи самолётҳо А.-ҳоро ба синфҳои гуногун ҷудо мекунанд. Дарозии майдони парвози А. аз 1000 то 5000 м ва бараш аз 200 то 360 м мешавад. Мувофиқи таъиноташон А.-ҳои нақлиётӣ, з-дӣ, таълимӣ, спортӣ ва ғ. мавҷуданд. А.-ҳои нақлиётӣ ҳамчун *аэропортҳо* таҷҳизонида мешаванд.

АЭРОЗОЛҲО́ (аз *аэро*... ва нем. sol—маҳлули коллоидӣ), системаҳои дисперсие, ки аз заррачаҳои сахт ё моеъи дар муҳити газӣ муаллақ иборатанд. А.-и заррачаҳои сахт дуд ва А.-и заррачаҳои моеъ туман номида мешаванд. Андозаи заррачаи А.— аз 10^{-7} то 10^{-3} см. А. ҳангоми пошхӯрии ҷисмҳои моеъ ва сахт (мас., ҳангоми таркиш), конденсация (мас., конденсацияи буғи об дар ҳаво), инчунин реакцияҳои химиявӣ (мас., ҳосил кардани хлориди аммоний аз аммиак ва гидрогенхлорид) ҳосил мешаванд. А. дар тиб, х. қ., метеорология, тоза кардани ҳаво аз чангу ғубор, корҳои ҳарбӣ, андудани сатҳи ҷисмҳо истифода мешаванд. Муолиҷаи аэрозолӣ ва масунонии аэрозолии одамон ва ҳайвоноти хонагӣ аҳамияти калон пайдо кардааст. Баъзе А. зараровар мебошанд А.-и радиоактивӣ, ки аз таркишҳои атомӣ, инчунин дар вақти истихроҷ ва истеҳсоли моддаҳои таҷзияшаванда ба амал меоянд, зарари калон доранд. Чанге, ки дар таркибаш пайвастҳои силиций дорад, мисли чангҳои бериллий, сурб ва хром хавфнок буда, бемории вазнини шуш — *силикозро* ба амал меорад. А.-и микроорганизмҳои касалиовари дар вақти атса задан ва сулфа кардан бо амалоянда сарчашмаи беморихои сироятӣ шуда метавонанд. А.-и дар атмосфера мавҷудбуда баъзан А.-и атмосферӣ номида мешаванд. Тоза кардани атмосфера аз А. дар марказҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин аст. Барои рафъи А.

шиддати баланди электр (то 50000 В), қувваҳои марказгурез, ультрасадо (2—10 кГц) ва ғ.-ро истифода мебаранд.

АЭРОМЕХА́НИКА (аз *аэро...* ва *механика*), фасли механика, ки мувозинату ҳаракати муҳитҳои газӣ ва таъсири механикии ин муҳитҳоро ба ҷисмҳои сахти дар онҳо ҷойгиршуда меомӯзад. Ба *аэродинамика* ва *аэростатика* ҷудо мешавад. Ниг. низ *Гидроаэромеханика*.

АЭРОПЛА́Н, ниг. *Самолёт*.

АЭРОПО́НИКА (аз *аэро...* ва юн. pónos — кор), усули бехок сабзонидани растанӣ. Решаи растаниро дар ҳар сари вақт бо маҳлули ғизоӣ таъмин мекунанд. А.-ро бори аввал с. 1910 олими рус В. М. Арциховский тавсия карда буд. Ҳоло аз А. барои рӯёнидани сабзавот, бехмева ва гулу растаниҳои ороишӣ васеъ истифода мекунанд. А. махсусан барои дар гармхонаву гулхона, станцияю кишти-ҳои кайҳонӣ ва ғ. сабзонидани растанӣ аҳамияти калон дорад.

АЭРОПО́РТ (аз *аэро...* ва лот. portus — бандар), муассисаи нақлиёти ҳавоӣ барои таъмини ҳамлу нақли мунтазами пассажирон, бор ва почта. А. аз аэродром, аэровокзал ва диг. иншооту воситаҳои техникӣ иборат аст. *Аэродром* иншооти асосии А. мебошад. Дар аэровокзал хонаи пассажирон, касса, почтаю телеграф, муассисаҳои хӯроки умумӣ ва ғ. мавҷуд аст. А. бо радиолокаторҳо, воситаҳои автоматии радиотехникӣ, системаҳои сигналдиҳӣ, навигационӣ ва ғ. ҷиҳозонида шудааст. А. инчунин ангар, устохонаҳои таъмир, анборҳои ҷиҳози техникию сӯзишворӣ дорад. А.-ҳо ба байналхалқӣ, иттифоқӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешаванд.

АЭРОСТА́Т (аз *аэро...* ва лот. statos — сокин, беҳаракат), *аппарати пириши* сабуктар аз ҳаво. Қувваи болобардории А.-ро гази зичиаш аз зичии ҳаво кам (гелий, гидроген), ки кураи А. бо он пур карда мешавад, ба вуҷуд меорад. А. идорашаванда *(дирижабль)*, озод (барои парвоз бо экипаж ё бе он ба самти ҷараёни ҳаво) ва илҳоқӣ (барои мушоҳида, садди ҳавоӣ ва ғ.) мешавад. А.-ҳои идорашаванда муҳаррику винтҳои ҳавоӣ доранд. А.-и дар стратосфера парвозкунандаро стратостат меноманд. А.-ро ба мақсадҳои тадқиқоти илмӣ (радиозонд) ва ҳарбию спортӣ истифода мебаранд.

АЭРОСТА́ТИКА (аз *аэро...* ва *статика*), фасли аэромеханика, ки мувозинати муҳити газӣ, асосан атмосфераро меомӯзад. Бар хилофи *гидростатика*, ки қонунҳои мувозинати моеъҳои амалан тазъиқнопазирро меомӯзад, А. ҳаво ва газҳои назар ба моеъ ҳанд маротиба тазъиқпазирро тадқиқ мекунад. Вазифаи асосии А. тадқиқи фишори атмосфери дар баландиҳои гуногун ва қувваи болобардорест, ки ба ҷисми дар ҳаво шиноқунанда таъсир мекунад (ниг. *Аэростат*). А. дар омӯзиши мувозинати атмосфера ва дар назарияи ҳавопаймои васеъ татбиқ меёбад.

АЭРОФИТҲО́ (аз *аэро...* ва юн. phytón — растанӣ), растаниҳои аз ҳавои муҳит ғизогиранда. Аз растаниҳои гулдор ба А. баъзе растаниҳои ҷангалҳои намноки тропикӣ, асосан аз оилаи саълабиҳо ва бромелиявиҳо мансубанд. А. дар шохи дарахтон меруянд ва тамоми моддаҳои ғизоии лозимиро аз ҳаво мегиранд. Решаи онҳо чун узви устуворнигоҳдоранда хизмат менамояд. Ба А. аз растаниҳои бегул баъзе ушнаҳо, обсабз ва гулсанг, ки дар танаву шохи дарахтон (дар шароити тропикӣ, ҳатто дар барг) ҷучор мешаванд, мансубанд. Гулсангу ушнаҳои аэрофитӣ дар шароити хушкӣ ба ҳолати *анабиоз* меафтанд.

АЭРОФОТОСУРАТГИРӢ (аз *аэро...* ва юн. photos — рӯшной), бо аэрофотоаппаратҳои махсуси дар аппаратҳои париш (самолёт, вертолёт, ракетаҳо ва ғ.) шинондашуда гирифтани фотосурати маҳал. Аз рӯи ин фотосуратҳо харитаҳои топографии маҳалро тартиб медиҳанд. А. дар ҷустуҷӯи сарватҳои зеризаминӣ ва тадқиқоти геологӣ, х. к., корҳои ҳарбӣ ва ғ. низ васеъ татбиқ мешавад.

АЮҶИЛҒА́, пирьях дар Помири Ғарбӣ (ВАБК), дар пиҳпеаи шим. қ-кӯҳи Академияи Фанҳо. Тӯлаш 5,5 км, бараш 450—850 м. Масоҳ 6,9 км². Ҳаҷми ях 0,489 км³. Қисми болои пирьях дар баландии 6565 м, қисми поёнаш—3700 м. Баландии хати барф 5100 м. Аз пирьях д. Аюҷилға (шохоби чапи Мугсу) ҷорӣ мешавад.

АҒБА́, ҷои аз ҳама пасти теғаи қаторкӯҳҳост, ки ҳамчун гузаргоҳи мувофиқтари байни водиҳои ду тарафи кӯҳ хизмат мекунад. Баландии А. ба баландии к-кӯҳҳо вобаста аст: дар Урал то 400 м, Альп то 1300—2800 м, Кавказ то 2400—3000 м, Осиёи Миёна то 4000—4500 м ва Ҳимолой то 5500 м.

АҚДАСӢИ МАШҲАДӢ اقدسی مشهدی (с. тав. номаълум—вафт. 1593), шоири форс-тоҷик. Дар Сабзавор тав. ёфта, дар Машҳад ба камол расидааст. Дар ҷавонӣ ба ш-ҳои Наҷаф, Шероз ва Кошон сафар кардааст. Дар Ғазнин дар дарбори шоҳ Аббоси Сафави хизмат карда, ба ӯ қасидаҳо бахшидааст. А. М. дар суруданы қасидаву ғазал устод буд. Як *соқиномаи* ирфонӣ (91 байт) низ дорад. А. М. забони тезу тунд дошта, гоҳ-гоҳе ҳамкасбонашро ҳаҷв мекардааст: бо шоирон Ҷунунии Қандаҳорӣ, Шифоии Исфаҳонӣ мушоиро ва мубоҳиса дошта, аксаран ғолиб меомадааст. Қабри А. М. дар Ғазнин аст. *Т. Зеҳнӣ*

АҚИБГӮҲ, дар вақти ҷанг (ба маъноии васеъ) тамоми ҳудуди мамлакат бо аҳолӣ, ҳоҷаги, сохти сиёсӣ ва давлатиаш; ба маъноии маҳдуд, маҷмӯи қуввою воситаҳои таъмини кӯшун, флот ва амалиёти онҳо, ки дар ҳудуди фронтҳо, армияҳо, иттиҳодиянҳо ва қисмҳо ташкил карда мешаванд. Вазифаҳои умумии А.-и армияи амалкунанда: таъмини моддӣ ва техникии қӯшун, эвакуация ва табобати ярадорону беморон, бароварданы ашёи ҳарбии полозим ва ғ. А.-и армияи амалкунанда дар қӯшунҳои хушкигард фронтӣ, армиягӣ ва қӯшунӣ мешаванд, ки ҷузъи ҷудонашавандаи фронт, армия, дивизия ва полкҳо мебошанд. А.-и фронтӣ ва армиягиро инчунин А.-и оперативӣ ва А.-и иттиҳодиянҳои кӯшунӣ ва қисмҳоро А.-и қӯшунӣ меноманд. Мустаҳкам гардидани А. ба иқтидори иқтисодӣ ва матонати маънавии мамлакат вобаста аст.

АҚИБНИШИНӢ, амалиёти кӯшунҳо, ки барои аз таҳти зарбаҳои душман бароварданы қисмҳои ҳарбӣ, ишголи минтақаҳои кулаи мудофиавӣ, ҳуҷуми ҷавобӣ (зарбаи ҷавобӣ), ихтисори тӯли фронт ё ғанимати вақт гузаронида мешавад. А. ҷангкулон ё бо мақсади стратегӣ пеш аз рӯ ба рӯ шудан бо душман ба вуқӯъ омада метавонад. А. танҳо бо фармони сардори калонӣ иҷро ҳоҳад шуд.

АҚИҚ (ар. عقيق) сердолик, минерал, як намуди *халцедон*. Санги гаронбаҳои нимшаффофи зард, сурх, норанҷӣ, маҳтобӣ, бӯр, сабз, кабудча, қаҳваранг ва ғ. Баъзан рах-рах ё нақшдор ҳам мешавад (ниг. *Ҷазъ*). А.-ро дар нигинкорӣ ва хотамкории маснуоти заргарӣ васеъ истифода мебаранд.

АҚЛ (ар. عقل — хирад) кобилияти фикр, шакли олии ба инсон хоси маърифати назарии воқеият. А. тафаккури мантиқан қавӣ, муташаккил ва возеҳ аст. Дар зинаи А. тафаккур аз шаклҳои шахшудаи фикр, ки ба зеҳн ҳосанд, раҳо шуда воқеиятро васеъ ва амиқтар инъикос мекунад. А. оламро на ба таври мушоҳидавӣ, балки фаъолона, эҷодкорона, чун процесс дарк менамояд. Вай тазоди байни «доиши тайёр» ва фаъолияти эҷодиро аз байн бурда, зиддияти ҳуди ашёро ошкор месозад ва «ба ҳар як чиз аз рӯи тақозои моҳияти он муносибат мекунад» (К. Маркс и Ф. Энгельс, Соч., т. 1, стр. 7). А. идеяҳои навро ба вуҷуд оварда, системаи маврҷудаи донишро тағйир медиҳад. Дарачаи маърифати аклии воқеият ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза вай моҳияти тафаккури маърифатқунандаро доиста, табиати ҳуди мафҳумҳоро тадқиқ мекунад. Максадноки ҳусусияти маърифати аклӣ мебошад.

Файласуфони то замони Сукрот аклро бо қонуниятҳо куллии объективи, низому ҳамоҳангии ашёҳо айният медоданд. Дар фалсафаи Афлотун А. чун чавҳаре тавзеҳ ёфтааст, ки чизҳои фикрии фавқулҳиссиро дармеёбад. Ин ҳамон муҳаррики аввали сокин, яъне ҳудоҳ, ки ба акидаи Афлотун оламро ба ҳаракат меорад.

Арасту ва пайравонаш Форобию Ибни Сино А.-и инсонро ҷузъи фанонопазири нафси ӯ мешумурданд, ки он аз файзи А.-и фаъол (А.-и илоҳӣ) ба фаъолият даромада, сабабҳои рӯйдоди ҳодисаҳо ва моҳияти ашьёро ошкор менамояд, ба ҷамъбасту таҷриди мафҳумҳо ва умури куллӣ (универсалияҳо) машғул мешавад. Мутакаллимон, ки мухолифони машшоия буданд, роли А.-ро дар маърифат зоҳиран ба эътибор гиранд ҳам, аслан далелҳои А.-ро дар муқобили аҳкоми дин, ки дар он давр амри ҳукмҳои маъмулро доштанд, паст мезаданд, то ки А. мутеи имон бошад.

Проблемаи А. мавзӯи таҳлили махсуси рационалистони а-ҳои 17—18 ва файласуфони классикии немис қарор гирифта буд. Аз ҷумла Кант қобилияти идроки А.-ро новобаста ба процесси маърифат таҳлил намуда, моҳияти онро аз ҳудуди ин процесс хориҷ мекард. Гегель, баръакси Кант, проблемаи А.-ро ба доираи мантиқи объективии инкишофи тамаддуни инсоният даровард. Лекин ӯ А.-ро аз фаъолияти моддӣ, аз амалиёти шахсии инсон ҷудо карда ҳамчун хиради фавқулбашар аз назари таҳқиқ мегузаронд. Марксизм табиати иҷтимоии маърифат ва донишро ба назар гирифта, дар А. таҷассуми маънавии фаъолияти дигаргунсозандаи моддии инсонро мебинад.

Н. Қулматов.

АҚЛИ КУЛЛ (ар. عقل كل — ақли комил), мафҳуми фалсафаи идеалистӣ-динӣ ва таълимоти мазҳабӣ барои ифодаи худо ва ё қувваи рӯҳии фавқуттабиа. Дар дини ислом А. к. чун моҳияти рӯҳи илоҳӣ, ки гӯё ба тариқи ваҳӣ ба воситаи Ҷабраил ба Муҳаммад мерасидааст, фаҳмида мешавад. Мафҳуми А. к. ба фалсафа ва дини халқҳои Шарқи Наздик ва Миёна аз афкори фалсафии антиқа (Суқрот, Арасту ва ғ.) дохил шудааст. Дар *тасаввуф* А. к. аксаран зинаи аввали судури илоҳиро мефаҳмонад. Дар таълимоти *исмоилия* А. к. ҳамчун *воҷибулвуҷуд* тавсиф ёфта, маъноии сифати илоҳиро мегирад. Вай сарчашмаи дониш, асоси хиради инсон ва бо ҳамроҳии нафси кулл офаридгори олами моддию рӯҳӣ дониста мешавад. Ин ҷиҳати таълимоти исмоилия дар бораи А. к. ба аҳкоми ислом мухолиф аст. Дар ҳақиқат А. к. вуҷуд надорад, вай ақли мутлақгардондаи инсон буда, аз худи инсон ҷудо тавсиф ёфтааст ва ба холиқи оламу одам табдил дода шудааст.

Х. Додихудоев.

АҚОҚИЁ (Robinia pseudoacacia), дарахти ороишии асаловар. Баландиаш то 35 м. Баргаш паршакл, гултӯдааш хушашаклу гулҳояш сафед, хушбӯй. А.-и худрӯй дар Америкаи Шимолӣ паҳн шудааст. Дар СССР чун дарахти ороишии боғӣ парвариш карда мешавад. Дар РСС Тоҷ. дар аксари маҳалҳои аҳолинишин маъмул буда, аз моҳи апр. шукуфта, сипас тухм мебандад. А. гармобардор, дар шӯрзамин ҳам бо хубӣ нумӯ мекунад. Дар заминҳои корам дар 2 сол

Ақоқиё: 1 — шохчаи гулдор; 2 — буриши мева; 3 — як қисми навда бо хорҳояш.

3—4 м ва дар 15—17 сол 12—16 м баланд мешавад. А.-ро бо тухм, қаламча зиёд мекунанд. Аз пӯстлохи А. моддаи даббоғӣ ва аз чӯбаш ранг мегиранд. Чӯби А. хушсифат, сахт ва вазнин аст.

Ад.: Качалов А. А., Деревья и кустарники, М., 1970. *М. Р. Расулова.*

АҚРАБ (ар. عقرب — каждум, лот. Scorpius), 1) яке аз бурҷҳои дувоздаҳгона. Тобиши мунирӣ аз ситораҳояш ба 0,8—1,2 (Қалби Ақраб), 1,6 ва 1,9 қадри ситоравии визуалӣ баробар аст. Шароити мусоиди мушоҳида моҳҳои май-июнь. Дар мавзеъҳои ҷанубии СССР пурра, дар мавзеъҳои марказӣ қисман намоён мешавад; 2) номи моҳи ҳаштуми солшумории шамсӣ, ки ба 23 окт.—21 нояб. мутобиқ аст.

АҚҚОД العقاد Аббос Маҳмуд (28. 6. 1889, ш. Асвон — 1964), адиб ва ходими ҷамъиятии Миср. Узви Академияи забони арабӣ дар Қоҳира ва АФ Араб дар Димишқ. Ҳамроҳи Абдурраҳмон Шукрӣ ва ал-Мозинӣ мактаби нави адабӣ ташкил кардааст. Бисьёр мақолаҳои публицистиаш дар газетаи вафдӣ (Вафд — партияи буржуазияи либералӣ) — «Ал-Балоға» чоп шудааст. А. барои фаъолияти публицистиаш ҳабс шуда буд. Аввалин маҷмӯаи ашъори А. с. 1916 аз чоп баромадааст. Тамоми ашъори ба табъ расидааш дар китоби «Девони Аққод» (1927) фароҳам омадааст. А. доир ба адабиёти араб ва ҷаҳон чанд асари адабию публицистӣ ва танқидӣ дорад, ки «Едбуди Гёте» (1932), «Маданияти араб ва таъсири он ба Европа» (1946), «Ибни Румӣ» (1950), «Абӯнувос ал-Ҳасан ибни Ҳонӣ» (1950), «Ибни Рашид» (1953) ва ғ. аз он ҷумлаанд. А. шеъру ҳикоя ва повестҳои динию таърихӣ ва таърихию фалсафӣ низ дорад.

АҚҲАВО́Н (Matthiola), авлоди растаниҳои як ё бисьёрсола, мансуби *чилликгулҳо*. Зиёда аз 50 намуди А.

Ақҳавони боғӣ.

дар Европа, Осиё ва кишварҳои Баҳри Миёназамин паҳн шудааст. Аз 15 намуде, ки дар СССР мавҷуд аст, дар РСС Тоҷ. 4-тоаш (M. albicaulis, M. integrifolisa, M. runcinata, M. bucharica) вомехӯрад. А. баргҳои борики нештармонанд ё тухмшакли борики мӯякнок, гулҳои дучинсаи содда ё сербарги якранг ва ё гуногунранг, ғилофакмева дорад. Баландиаш 15—85 см. А. аз баҳор то охири тирамоҳ гул карда, тухм мебандад. Дар гулбоғу хиёбонҳо А.-и боғӣ (M. incana) чун гули ороишӣ парвариш карда мешавад.

Ад.: Тавлинова Г. К., Цветоводство, Л., 1970. *М. Шарифова.*

АҲА́ДОВА Саида (тав. 1923, ш. Бухоро), ресанда, ветерани меҳнат, навовари истеҳсолот, ҷорикунандаи усулҳои нав дар истеҳсолоти саноати бофандагӣ, ташкилотчӣ ва пешсафи мусобиқаи социалистӣ. Аъзои КПСС аз с. 1948. Аз оилаи коргар. С-ҳои 1943—60 шогирд, ресанда, устои цехи ресандагӣ ва аз с. 1960 устои цехи калобаресии комб. бофандагии Душанбе. А. иштирокчии Конгресси III умумичаҳонии занон дар Копенгаген (1953). Ӯ депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 4—5) ва Совети Олии СССР (даъватҳои 4—5). Бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени Революцияи Октябрь, Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. ва Грамотаи Совети Умумичаҳонии Сулҳ мукофотонида шудааст.

АҲАҶҶА́Р احجر массиви кӯҳӣ дар маркази Саҳрои Кабир. Аз Шим. ба Ҷ. тӯл кашида, асосан аз ҷинсҳои токембрий (гранит, гнейс, варақсангҳои кристаллӣ) таркиб ёфтааст; қисми марказиаш (к. Тахат 3005 м) аз ҷинсҳои вулқонӣ иборат. Иқлимаш биёбонии кӯҳӣ, боришоти солона камтар аз 100 мм. Дар водиҳои А. дарахтони сарв, мирта, нахл, ақоқиё меруянд. Конҳои уран, платина, алмос, никель, мис ёфт шудаанд. Аҳолӣ бо чорводорию деҳқонӣ машғул.

АҲВАЛӢ, о л у с ӣ, таҳрифи меҳвари биноии яке аз ду чашм аз нуқтаи якҷояи собит, ки дар натиҷаи он биниши бинокулярӣ (бо ду чашм дидан) вайрон мешавад. Пайдоишаш ҳоло номаълум аст. А. аксар вақт аз тарсу ваҳм, бемориҳои сироятии бачагона, диспепсия (ағир) ва ғ. сар

мезанад. Ба А. бештар кӯдакон гирифтор мешаванд.

А. якчанд хел мешавад: А.-и **муттафиқ**, ки дар натиҷаи он чашми олус ҳамеша аз паи ҳаракати чашми диг. меравад. А.-и муттафиқ ду намуд дорад: конвергентӣ (ба биниӣ равон шудани самти нигоҳ) ва дивергентӣ (ба тарафи чакка равон шудани самти нигоҳ).

Хелҳои гуногуни аҳвалӣ

А.-и **татобуқӣ** (аккомодационӣ) ба носозиии шикасти рӯшноӣ ва татобуқи чашм вобаста буда, дар натиҷаи ба чашм атропин чаконидан ё айнак гирифтан бартараф мешавад. А.-и **ғайритатобуқӣ** аҳвалие мебошад, ки ислоҳаш имконнопазир аст. А. доимӣ ё давраги, яктарафа (аҳвал шудани як чашм) ё мутаносиб (бопавбат аҳвал шудани ҳар ду чашм) ҳам мешавад.

А.-и **фалаҷӣ** дар натиҷаи фалаҷ шудани мушакҳои ҳаракатовари чашм аз касалиҳои системаи асаби марказӣ (сироят, ҳупрезии майна ва г.) ба вуҷуд меояд. Ҳангоми чунин А. ҳаракати чашм ниҳоят маҳдуд шуда, як чиз дуто менамояд. А.-и ғайритатобуқиро ба таври машқ додани чашм бо ҳар хел асбобҳо (синоптофор, амблиоскоп ва г.), амали ҷарроҳӣ ва А.-и фалаҷиро бо рохи бартараф намудани сабаби асосии он ва ҷарроҳии махсуси мушакҳои чашм муолиҷа мекунанд.

АҲВОЗ اهواز шаҳр дар ҷан. ғарбии Эрон, дар Хузистон, бандари д. Корун. Узели р. о. Аҳол. 215 ҳаз. (1971). Дар атрофи А. конҳои калони нефть ҳаст. Саноати бофандагӣ, з-ди прокати пӯлод, ун-т дорад. Нефтепроводи Ободон—Теҳрон аз А. мегузарад.

«АҲВОЛИ СИНФИ КОРГАР ДАР АНГЛИЯ», асари Ф. Энгельс, сент. 1844 — марти 1845 таълиф шуда, нахустин бор дар Лейпциг (1845) ба забони немисӣ аз чоп баромад. Ба забони русӣ аввалин бор с. 1905 нашр шуд. Ба аксарияти забони халқҳои СССР тарҷума шудааст. «А. с. к. д. А.» яке аз аввалин асарҳои коммунизми илмист, ки ба фаҳмиши материалистонаи таърих, асосҳои социализми пролетарӣ ва иқтисоди сиёсии пролетарӣ оид аст. Дар асар вазъияти даҳшатангези мазлумӣ ва қашшоқии синфи коргари Англия акс ёфтааст. Ф. Энгельс пайдоиш ва инкишофи ҳаракати коргариро таҳқиқ намуда, хулоса баровард, ки ҳаракати сиёсӣ синфи коргарро ҳатман ба мубориза барои социализм оварда мерасонад, сохти буржуазӣ погузир сарнагун мегардад.

АҲД (ар. عهد — паймон, рӯзгор), дар **ҳ у қ у қ** амалест барои барқарор ё бекор намудан ва ё тағйир додани ҳуқуқ ё ӯҳдадориҳои граждани. Шакли интишорёфтаи А. шартнома (дутарафа ё бисьёртарафа) мебошад. А.-и яктарафа иродаи як касро ифода мекунад (мас., *Васият*). Бо розигии аҳдкунандагон ва мувофиқи қонун аз тарафи шахси қобили амал ё шахсони юридикӣ (дар асоси устав ё низомнома) баста шудани А. барои исботи ҳаққонияти А. шартҳои зарурианд. Мувофиқи ҳуқуқи граждании советӣ азму иродаи шахси аҳдкунанда даҳонӣ ё хаттӣ ифода меёбад. А.-и даҳонӣ аҳдест, ки баробари баста шудан ба иҷро расонида мешавад, ба шарте, ки дар қонун диг. шарту шароит муқаррар нашуда бошад (мас., аз магазин ба мӯҳлати муайян мавқуф нагузошта бо пули нақд харидани мол). А.-и хаттӣ аҳдест, ки байни ташкилотҳои давлати, кооперативӣ, ҷамъияти ва бо гражданиҳо (агар маблаги аҳди басташаванда аз 100 сӯм зиёд бошад) баста мешавад.

А.-и мухолифи қонун, зидди манфиатҳои давлати социалистӣ ва ҷамъият ва А.-е, ки аз тарафи шахси юридикӣ бар хилофи мақсад, аз тарафи граждании ба сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлӣ ғайри қобиле амал эътироф шуда, ё дар натиҷаи гумроҳӣ, фиреб, зӯрӣ, таҳдид, нияти бад ва г. баста шудааст, беэътибор дониста мешавад.

АҲДИ ҚАДӢМ,ниг. *Таврот*.

АҲДИ ҶАДӢД,ниг. *Инҷил*.

АҲДНОМА, п а к т, созишномаи байналхалқии дутарафа ё бисьёртарафае, ки ба мақсади таъмини амнияти коллективӣ, ёрии ҳамдигарӣ, ҳуҷум накардан ба якдигар ва ё муқаррар намудани принципҳои муайяне баста мешавад: давлатҳои дахлдор дар муносибатҳои байналхалқи онро ба роҳбари мегиранд. Ниг. низ *Шартномаи байналхалқӣ*.

М. Ҳомидов.

АҲКОМИ ДИН (ар. احكام دين — ҳукмҳои дин, қоидаҳои дин), маҷмӯи таълимоти дини. Ҳар як дин рочеъ ба эътиқоду ибодатҳо системаи муайяни таълимоту дастурҳо дорад, ки чун амри илоҳӣ қабулу риояти онҳо воҷиб шуморида мешавад. Қариб дар ҳаман динҳои монотеистӣ А. д асосан эътиқод ба қуввахои фавқуттабиа (худо, малоика, шайтонҳо), бовари ба мӯъҷизоти фавқулодда (хилқат, нубувват, охират, қиёмат, биҳишту дӯзах ва г.) мебошанд. А. д. баробари динҳо ба вуҷуд наомада, балки баъд аз тарафи рӯҳониён мураттаб ёфтааст ва ба расмият шинохта шудааст. Баробари ба расмият даромадани А. д. ҳама гуна рафтори беруни аз он куфр дониста ва таъқиб карда мешуд. Ҳомиёни дин А. д.-ро абадӣ ва тағйирнопазир эълон мекунанд, вале он аз сабаби ба ҳаёти воқеӣ мутобиқат накардааш маҷбуран тағйиру табдил меёбад. Зиддиятҳои А. д. боиси пайдо шудани мазҳабҳо, бидъат, модернизм, озодфикрӣ ва г. мегардад. А. д. инъикоси фантастикии воқеият буда, ба илм, ки инъикоси дурусти олам аст, мухолиф мебошад. Илм беасосии А. д.-ро исбот намуда, фаҳмиши дурусту материалистии воқеиятро пешниҳод мекунад.

Б. Исматов.

АҲЛӢИ ТУРШЕЗӢ اهلی ترشیزی Юсуф ибни Муҳаммад ибни Шиҳоб (с. тав. номаълум — ваф. 1527, Табрез), шоир. Аз аҳли Туршези Хуросон буда, дар овони ҷавонӣ ба шеъргӯӣ оғоз карда, дар аввалҳо маддоҳи Шоҳрух буд ва баъдҳо ба Ҳусайни Бойқаро (1469—1506) мадҳ гуфтааст. Пас аз инқирози давлати темуриён А. Т. ба Табрез рафта, дар камонкашӣ шӯҳрати зиёде пайдо карда ва ҷавонони Табрез дар пеши ӯ машқи камонкашӣ мекардаанд. Дар поёни умр аз фарти пирӣ гӯшанишин шудааст. Баъзе муаллифон А. Т.-ро бо Аҳлии Шерозӣ, ки ҳарду ҳамзамон буданд, як шахс пиндоштаанд. А. Т. с. 1436 манзумае бо унвони «Тӯҳфат-ус-султон фӣ маноқиб-ин-Нӯъмон» ба номи Шоҳрух сурудааст, ки ин тарҷумаи манзуми китоби арабии «Маноҳиб-уш-шарифа фӣ маноқиби Абеҳанифа»-и Имом Абулҳасани Байҳақист. А. Т. аз ғазалсароёни намоёни давр буда, девони ғазалиёташ дорои 5000 байт аст.

АҲЛӢИ ШЕРОЗӢ اهلی شیرازی Муҳаммад (1454, Шероз — 1535, ҳамон ҷо), шоир ва маншӯри форс-тоҷик. Дар ҷавонӣ ба Ҳирот омада, чанд гоҳ аз аҳли дарбори Ҳусайни Бойқаро будааст, вале баъдтар ба зодгоҳи худ баргаштааст. Аз А. Ш. як девон (дар 6000 байт), як ғазалиёт, қасоид, таркиббанд, тарҷеъбанд, ҚИТОАТ, мухаммас, мустазод ва диг. ашъори лирикии ӯро дарбар мегирад, маснавии «Шамъу парвона», «Зубдат-ул-ахлоқ» (рубоиёти ахлоқӣ), сокиноми рубоӣ (иборат аз 120 рубоӣ), касидаи маснӯъ дар мадҳи Навоӣ ва г. боқи мондааст. Алишери Навоӣ дар «Мачелис ун нафоис» ва Соммирзои Сафавӣ дар «Тӯҳфаи Сомӣ» ба истеъдоди шоирии А. Ш. баҳои баланд додаанд. Аммо бо ин ҳама истеъдод шоир ҳаёти кашшоконае ба сар бурдааст, ки аз ин байтҳои ӯ равшан зоҳир мешавад:

Ба чоҳи осафи даврон, ки ин ҷаҳо
чун мӯр
Ба ҳона нест чаве ояӣ ниҳистонаш
Ба рӯзгор бигӯ, ки ин фақирро саргардон
Гузоми мост, аз ин бештар маранҷонаш.

Мабин харобии ҳолаш, назар ба маъни кун,
Ки ҷои ганҷи маонист ҷони вайронаш.

А. Ш. мусаннифи асарҳоест, ки бо зарби туркии усули *Панҷгоҳи рост* эҷод шудаанд. Аз А. Ш. нақшҳо ва савтҳои бисьёре боқӣ мондаанд.

К. Айнӣ.

АҲМАД ИБНИ АСАД احمد ابن اسد (тав. 864—с. ваф. номаълум), писари дуюми Асад ва набераи Сомонхудот, саромади сулолаи *Сомониён*. А. дар овони ҷавонӣ дар пахш намудани шӯриши Рофеъ ибни Лайс иштирок кард. С-ҳои 813—833 дар хизмати халифаи Аббосиён Маъмун буд. С-ҳои 819—820 волии Фарғона. Баъди вафоти бародаронаш тадричан мулкҳои онҳо — Самарқанд, Чоч ва Истравшанро ба даст даровард ва нахустин шахсе буд, ки зери ҳимояи хонадони Сомониён ноҳияҳои Мовароуннаҳрро тобеи худ мекард. Баъди вафоти А. дар аҳди писаронаш *Наср ибни Аҳмад* (865—892) ва алалхусус *Исмоил ибни Аҳмад* (892—907) давлати Сомониён пурра ташаккул ёфт.

Ад.: Бартольд В. В., Туркестан в эпоху монгольского нашествия, Соч., т. 1, М., 1963; История таджикского народа, т. 2, кн. 1, М., 1964. *Н. Неъматов.*

АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ احمد ابن اسمعیل (с. тав. номаълум — ваф. 23. 1. 914), амир аз сулолаи Сомониён, писари *Исмоил ибни Аҳмад*. С-ҳои 907—914 ҳукм рондааст. Дар давраи А. и. И. забони арабӣ аз нав расмӣ шуд. Ҳокимони Самарқанд, Рай, Систон, ки аз сиёсати А. и. И. порозӣ буданд, балво бардоштанд. Пас аз пахши балво, дере нагузашта дар Систон шӯриши халқӣ сар зад. Нӯкарони кирояи турк низ аз сиёсати амир порозӣ буданд, бинобар ин А. и. И. дар вақти шикор аз дасти ғуломони худ кушта шуд. Ба тахт писари 8-солаи А. *Наср ибни Аҳмад* (Насри II) нишаст.

АҲМАД ИБНИ МИРМУНШӢ احمد ابن میرمنشی Шарафуддин (тав. 1539, ш. Қум — с. ваф. номаълум), хаттот ва нақкош. Давраи ҷавонии А. и. М. дар Қум ва Ҳирот гузаштааст. Санъати хаттотиро аз хаттотони машҳури ҳамон замон — Аҳмад Ҳусайни Машҳадию Шоҳмаҳмуди Зарринқалам ва нақкоширо аз Алиасғар, Муҳаммадамин ва Алиризо омӯхтааст. А. и. М. с. 1556 ба Машҳад кӯчида муддати 10 сол вазири дарбори Иброҳиммирзо шудааст. Муаллифи асарҳои «Маҷмаъ-уш-шуаро-ал-Аббосӣ», «Хулосат-ут-таворихи Аббосӣ» ва рисола дар бораи хаттотон ва мусаввирон мебошад, ки бо номи «Гулистони ҳунар» машҳур аст. Асари якуми ӯ тазкира буда, роҷеъ ба шоирони сулолаи Сафавиён маълумот медиҳад. Асари дуюм тамоюли таърихӣ дорад. Асари сеюми А. и. М. аз муқаддима ва се боб иборат буда, дар бораи қалам, пайдоиши хат, доир ба хаттотон ва мусаввирон маълумот дода, аз эҷодиёти онҳо намунаҳо меоварад.

Т. Миров.

АҲМАД МИДҲАТ (Ahmet Midhat) (1844, Истамбул — 30. 12. 1913, ҳамон ҷо), нависанда ва маорифпарвари турк. Аз оилаи миёнаҳол. А. М. дар адабиёти турк ҳамчун асосгузори жанри ҳикояҳои хурд ва роман эътироф шудааст. С-ҳои 1876—1908 А. М. журналист буд. Чанде дар Ун-ти Истамбул дарс гуфтааст. А. М. муаллифи чандин роман, ҳикоя, пьеса ва як қатор асарҳои доир ба таърих, дин, фалсафа ва география буда, «Яничарҳо» (1871), «Умри дубора» (1874), «Ҳасани маллоҳ» (1874), «Ҳусайни фаллоҳ» (1875), «Турке дар Париж» (1876), «Раққоса» (1877), «Адмирал Бинг» (1881), «Хонуми Дурдона» (1882), «Духтари дипломдор» (1889), «Ҷавонтурк» (1908) аз он ҷумлаанд. Бисьёр асарҳои нависандагони романтики Франсияро ба туркӣ гардондааст. Дар эҷодиёти А. М. таъсири равияҳои гуногуни адабӣ (махс., романтизм, реализм, натурализм) ҳис карда мешавад.

АҲМАДИ БЕХАТ, мулаққаб ба Борбанд (с. тав. ва ваф. номаълум, то с-ҳои 40-уми а. 20 дар ҳаёт буд), шоири халқии тоҷик. Дар ш. Бухоро зиндагӣ карда, дар боғчаҳонаи станцияи роҳи оҳан борбандӣ мекардааст ва «Борбанд» лақаб гирифтанаш аз ин ҷост. А. Б. соҳиби табъи равон буда, хусусан дар ашъори ҳаҷвӣ маҳорате доштааст. Азбаски марди бесавод будааст, дар шеърҳояш «Бехат» тахаллус мекардааст. Шеърҳои А. Б. дар байни мардуми Бухоро машҳуранд ва дар ҷоеҳо ба табъ нарасидаанд. С. 1964 фольклоршиносони тоҷик аз даҳони мардуми Бухоро дар бораи А. Б. маълумот ва аз ашъораш намунаҳо ҷамъоварӣ карданд, ки дар фонди фольклори тоҷики Ин-ти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷ. маҳфуз аст.

Б. Тилавов.

АҲМАДИ БОҒИШАМОЛӢ احمد باغشمالی (с. тав. ва ваф. номаълум), рассоми а. 15. Қасри Боғишамол ва диг. биноҳои мӯҳташами Самарқандро оро додааст. А. Б. пайравии услуби *Абдулҳай* мебошад. Асарҳои минётурии ӯ боқӣ намондаанд. Мутахассисон муайян кардаанд, ки дар охири маснавии «Силсилат-уз-заҳаб»-и Ҷомӣ ду расми А. Б. оварда шудааст. Ин дастнавис дар Китобхонаи ба номи Салтыков-Щедрини Ленинград маҳфуз аст.

АҲМАДИ МАНЬЯРӢ احمد منیری Шайх Шарафуддин ибни Яҳьё (с. тав. номаълум — ваф. 1467), донишманд ва адиби а. 15. Дар ш. Маньяри вил. Биҳор ба дунёё омада, яке аз машоихи машҳури Ҳиндустон ва пешвои тариқати чиштия будааст. Мактуботи зиёде ба муридону ёронаш ба форсии салису фасеҳ навиштааст, ки дар ду ҷилд (ҳар ҷ. 100-мактубӣ) бо унвони «Мактуботи Аҳмади Маньярӣ» маъруф аст. Таълифи дигаре бо номи «Иршод-ус-солиқин» дорад дар тасаввуф. «Одоб-ул-муридин»-и Зиёуддини Сӯҳравардиро (ваф. 1167) низ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума ва тафсир кардааст. Қавомуддин Иброҳими Форуқӣ, ки аз муридони А. М. буд, «Фарҳанги Иброҳимӣ»-и худро *«Шарафномаи Аҳмади Маньярӣ»* ном гузошта, ба ӯ бахшидааст. А. М. бо номи Шарафи Ҷаҳон низ маъруф аст.

Х. Раҳфов.

АҲМАДИ МАРВАЗӢ احمد مروزی ибни Абдулло маъруф ба Ҳабаш ал-Ҳасиб (с. тав. номаълум, Марв — ваф. тақр. 864—67, Бағдод), мунаҷҷим ва риёзидони араб. Узви мактаби илмии Бағдод. С-ҳои 825—835 бештар мушоҳидаҳои астрономӣ гузаронидааст. Муаллифи се зиҷи нуҷумӣ: «Синдҳинд» (шарҳи зиҷҳои ҳиндӣ), «Арканд», «Зиҷи Шоҳӣ». Нусхаҳои хаттии зиҷҳои мазкур дар китобхонаҳои Берлин ва Истамбул маҳфузанд. Дар тригонометрия мафҳумҳои тангенс ва котангенсро ҷорӣ кард, ҷадвали ин функцияҳоро сохт ва назарияи тригонометрияи сферавиро инкишоф дод. Доир ба устурлоб, сохти соатҳои офтобӣ ва ғ. рисолаҳо навиштааст. Писараш Абӯҷаъфар ибни Ҳабаш низ мунаҷҷими маъруф ва ихтироъкори афзорҳои астрономӣ буд.

АҲМАДИ МАШҲАДӢ احمد مشهدی маъруф ба Аҳмад Ҳусайни Машҳадӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1608/9, Мозандарон), устоди хати настаълиқ. А. М. пешаи хаттотиро аз *Миралии Ҳиравӣ* омӯхтааст. Қариб тамоми умри ӯ дар мусофират гузаштааст. Дар китобхонаҳои дарбори Абдулазизхон (Бухоро), шоҳ Таҳмосби Сафавӣ (Озарбойҷон), шоҳ Исмоили II (Қазвин), Мирмуродхон (Мозандарон) китобат кардааст. Дар зодгоҳаш Машҳад 15 сол ба таълими хаттотон машғул шудааст. Мавлоно Ҳасаналӣ, Мавлоно Алиризо ва Қозӣ Аҳмади Муншӣ аз ҷумлаи шогирдони беҳтарини ӯянд. Асарҳои бо хати А. М. китобатшуда, аз он ҷумла «Лавоеҳ»-и Ҷомӣ ва «Нузҳат-ул-ошиқайн» (Китобхонаи ба номи Салтыков-Щедрини Ленинград), «Девони ғазалиёт»-и Амир Шоҳии Сабзворӣ (Китобхонаи шоҳаншоҳии Эрон), чандин муқаттаот ва мураққаот маҳфузанд (китобхонаи Истамбул), ки бо хати настаълиқи хеле зебо навишта шудаанд.

АҲМАДИ ТӮСӢ احمد طوسی (с. тав. ва ваф. номаълум), олим, географ, сайёҳи нимаи дуюми а. 12 форс-тоҷик. Зодгоҳаш — Хуросон. Солҳои зиёд дар Ҳамадон зист, баъд ба Ироқ рафта, дар Бағдод дар дарбори Туғрулшоҳи Алпарслон (1177—94) мушовир ва табиб буд. А. Т. яке аз асосгузорони адабиёти космографӣ буда, бештар бо «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот» («Аҷоибнома») ном асари космографиаш дар Эрон, Осиёи Миёна ва Европа шӯҳрат ёфтааст. Муаллиф дар ин асар оид ба 450 шаҳр, 40 баҳру кӯли калон,

дарьёю ҳавзаҳои об (обгир), маҳал, қалъа ва осори меъмории Мовароуннаҳр, Хуросон, Форс, Шом, Ироқ, Миср ва г. маълумот медиҳад. А. Т. аз Хуросон ба баъзе ш-ҳои Осиёи Миёна, Поволжияи Поён ва Закавказия сафар кардааст. Дар «Аҷоибнома» зиёда аз 120 олиму нависандаро ном бар карда, бисьёр харитаҳои географӣ ва минётура, тасвири ҳайвонот, паррандаҳо, моҳиҳо ва ғ-ро ҷамъ овардааст. Муаррихон ва географҳои а-ҳои 13—17 (Закариёи Қазвинӣ, Амин Аҳмади Розӣ, Муҳаммад Дарвеши Балхӣ ва диг.) аз асари А. Т. васеъ истифода бурдаанд. Ҳоло нусхаҳои дастнависи он дар фонди китобхонаҳои давлатии СССР, РДГ, Эрон, Туркия, Австрия ва Франция маҳфузанд. Ӯ муаллифи маълумотномаи фармакалогия «Дастур усул-ил-хавос» ва асарҳои фалсафии «Олам-ул-улум», «Китоб-ул-аҷаз» низ мебошад.

Ад.: Миклухо-Маклай Н. Д., Описание таджикских и персидских рукописей ИВ АН СССР, М.-Л., 1955; Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 4, М.-Л., 1957. *Ю. С. Мальцев.*

АҲМАДИ ФАРҒОНӢ احمد فرغانی Абулаббос ибни Муҳаммад ибни Касир (с. тав. номаълум — ваф. 861), мунаҷҷим, риёзидон ва географ. Дар Шарқ бо тахаллуси «Ҳосиб» (математик) ва дар Ғарб бо номи Альфраганус (Ал-Фарғонӣ) шӯҳрат дорад. Асарҳои олимони Юнонро омӯхта, ба тарҷумаи онҳо пардохтааст. Дар давраи хилофати Маъмун (813—33) А. Ф. дар бунёдӣ расадхонаҳои Бағдод ва Димишқ иштирок дошт. Дар асари худ «Мадхал-ун-нуҷум» илмҳои астрономии замонашро мураттаб сохта, баъзе фикрҳои як қатор олимон, аз ҷумла Птолемейро танқид кардааст. Дар асоси мушоҳидаҳо дар расадхонаи Бағдод с. 812 кусуфи Офтобро пешгӯи ва куравияти Заминро исбот намуд. Барои чен кардани оби д. Нил «миқьёси ҷадид» ном асбоб сохт. Асарҳои астрономӣ, географӣ ва математикии А. Ф. дар пешравии илмҳои мазкур ҳиссаи калон гузоштанд. Муҳимтарин осори А. Ф. инҳоанд: «Китоб-ул-комил фи-л-устурлоб», «Фи санъат ил устурлоб», «Рисолат-ул-фусул мадхал фи-л-Мачастӣ» («Рисола доир ба Мачастӣ»), «Рисола фи маърифат-ил-авқот-ил-латӣ якун-ул-қамару фиҳо фавқ-ал-арзи ав таҳтаҳо» («Рисола доир ба донистани вақтҳое, ки Моҳ дар болои Замин ё зери он воқеъ мегардад»), «Ҳисоб-ул-аҳолим-ис-сабъа» («Ҳисоби ҳафт иқлим»), «Китоб-ул-амал-ир-руҳомот» («Китоб оид ба коркарди мармар»). Асарҳои мазкур дар китобхонаҳои Париж, Оксфорд, Лондон, Берлин, Қоҳира ва г. маҳфузанд. Маҳсусан баъд аз ба лотинӣ ва диг. забонҳои европоӣ тарҷума шудани асари ӯ «Китоб-ул-ҳаракат-ис-самовия ва ҷавомеъ-ин-нуҷум» («Китоби ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ ва маҷмуи ситораҳо») (а-ҳои 12—13) машҳур гардид.

Ад.: Кары-Ниязов Т. Н., Астрономическая школа Улугбека, М.-Л., 1950; Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 4., М.-Л., 1957; Ирисов А., Носиров А., Низомиддинов И., Ўрта асриёлик қирқ олим, Тошкент, 1961; Носиров А., Ҳикматуллоев Ҳ., Аҳмад Фарғонӣ, Тошкент, 1966. *З. Шарифов.*

АҲМАДИ ҒИЖЖАКӢ احمد غژکی Устод Саидаҳмад маъруф ба Ғижжакӣ (с. тав ва ваф. номаълум), навозанда ва ҳофизи тоҷики а. 15. Дар Бухоро таваллуд шудааст. Баъди камолот ба Ҳирот рафта, дар дарбори Ҳусайни Бойқаро (1469—1506) хизмат намудааст. Вай бо ҳофизу навозандагони номии давраш Устод Кеҳситтии Ной, Устод Ҳасанали Балабонӣ, Устод Қулмуҳаммади Удӣ, Устод Алии Хонақоҳӣ ва диг. дар як саф ҳунарнамоӣ кардааст. Шогирдони бисьёреро тарбия намуда, чандин оҳанг ба мақомҳои «Ироқ», «Исфаҳон», «Буслик», «Наво» ва «Ҳусайнӣ» тасниф намудааст. *А. Раҷабов.*

АҲМАДИ ҶОМӢ احمد جامی Абӯнаср ибни Абулҳасан, маъруф ба Аҳмади Зиндапил (тақр. 1049, ш. Ҷоми вил. Ҳирот — 1141, ҳамон ҷо), шоири мутасаввифи форс-тоҷик. А. Ҷ. дар ҷавонӣ илмҳои маъмули замонашро аз худ карда, тариқати аҳли тасаввуфро пеш гирифтааст. А. Ҷ. ба мартабаи шайхулисломӣ расида дар боби тасаввуф як силсила асарҳо таълиф кардааст, ки «Анис-ут-толибин», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот» ва г. аз он ҷумлаанд. Аз А. Ҷ. як девони ғазалиёти ишқию ирфонӣ низ боқӣ мондааст. Ашъори А. Ҷ. хеле соддаву равон буда, бисьёре аз онҳо дар байни халқ машҳуранд. Қиссаи «Сабзпарию Зардпарӣ», ки дар он бисьёр ғазалҳои А. Ҷ. дохил шудаанд ва маснавии «Варқа ва Гулшоҳ»-и шоири а. 17 Ҷомии Ғарриро ба А. Ҷ. низ нисбат медиҳанд, ки иштибоҳ аст. *А. Афсаҳзод.*

АҲМАДИЯ احمدیه фирқаи равияи шиа, ки охири а. 19 дар Панҷоб (Ҳиндустон) пайдо шуда, ба номи асосгузораш Мирзо Ғулом Аҳмад (1838—1908) маъмул гаштааст. А. Ғулом Аҳмадро пайғамбари мусулмонон, Масеҳои (мессия) масеҳиён, Кришнаи ҳиндуён медонад. Таълимоти А. дар асарҳои Ғулом Аҳмад «Ьароҳини аҳмадия» (1880), «Ҷиҳод ва ҳукумати англис», «Фалсафаи таълимоти ислом» (1896) ифода ёфтааст. Мувофики таълимоти А. инсон се зинаи инкишофи фардиро аз сар мегузаронад. Дар зинаи аввал — зинаи «чисмонӣ» инсон мубталои шаҳватҳои гуногун аст. Баъд одам аз шаҳватҳои паст озод шуда, ба далелҳои ақл гӯш меандозад, ҳоҳишу рафтори худро зери назорат гирифта, ба зинаи «аҳлоқи» мегузарад. Иқрои нормаҳои аҳлоқии ислом, риояи муттасили онҳо имконият медиҳад, ки инсон ба зинаи олӣ — зинаи «маъпавӣ» расад. Дар ин зина гӯё қобилият ва истеъдоди пайғамбарӣ пайдо мешавад. Вале фаввораи илҳоми поки ин зина ба ҳама дастрас нест. Ба ин восита А. ҳукми исломро дар бораи пайғамбари охирин будани Муҳаммад инкор карда, имконияти пайдоиши пайғамбарони навро асосноқ кардани мешавад. А. таълим медиҳад, ки ҳар халқ «Маккаи худ» ва «пайғамбари худ»-ро дошта метавонад.

Аҳкоми асосии А.— ваҳдат, доништаваанда будани худо, баробарии одамон дар назди худо мебошад. А. муборизаи синфиро инкор ва сулҳи байни синфҳоро тарғиб менамояд, чиҳоди зидди аҷнабиёнро рад карда, онро танҳо бо мақсадҳои мудофиави зарур медонад. А. эътироф накардани пайғамбарии Ғулом Аҳмадро куфри азим меҳисобад.

А. ба ҳама гуна рационализм муқобил баромада, эътиқодро ба мӯъҷизот, қазову қадар, худо ривоҷ медиҳад. А. серзанӣ, пӯшидани фаранҷӣ, беҳуқуқии занҳоро дар оила ва ҷамъият дастгирӣ менамояд. Баъди вафоти Ғулом Аҳмад дар натиҷаи нифоқи дохилӣ пайравони А. ба ду гурӯҳ — лоҳурӣ ва қодиёнӣ (1914) ҷудо мешаванд. Гурӯҳи қодиёнӣ Ғулом Аҳмадро пайғамбар эътироф карда ҳокимияти халифаро меросӣ медонад. Гурӯҳи лоҳурӣ, асосгузори маҳҳабро ислоҳотчии динӣ дониста, идеяи меросӣ будани ҳокимиятро рад мекунад. А.-и ҳозира бештар аз як млн пайравон дошта, дар Ҳиндустон, Покистон, Бирма, Шри Ланка, Афгонистон, Миср, Сурия, Мавритания, Англия, Франция, РФГ, Америка паҳн шудааст. Ҷамъияти А. журналҳои «The Light» («Нур») (Лоҳур) ва «Islamic Review» («Маҷаллаи ислом»)-ро (Лондон) нашр менамояд. А. дар таъриҳи афкори ҷамъиятии а-ҳои 19—20 Шарқ роли иртиҷоӣ бозид.

Ад.: Гордон-Полонская Л. Р., Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана, М., 1963; Степанянц М. Т., Ислам в философской и общественной мысли зарубежного Востока, М., 1973; Maudoodi A., The quadiani problem, Karachi, 1953. *А. Шарифов.*

АҲМАДОБОД, шаҳр дар ғарби Ҳиндустон, дар соҳили д. Сабармат. Маркази маъмурии штати Гуҷарот. Узели роҳҳои нақлиёт. Аҳол. 1,6 млн нафар (1971). Яке аз марказҳои муҳими саноат, тиҷорат ва молияи мамлакат. Дуюмин шаҳри калони саноати бофандаги (баъди Бамбай). Дар А. ва атрофи он (Асар, Сараспур ва г.) корхонаҳои саноати химия, ҷӯгирд, хуроквори, чармгари, коркарди металл мавҷуданд. Маҳсулоти косиби аш: кундал, шоҳи, маснуоти заргари, кандакории чӯб ва устухони фил. Ин т. ассоциацияи тадқиқоти илмии саноати бофандаги, музей дорад. Ёдгориҳои таъриҳию меъмории а-ҳои 15—16 боқӣ мондаанд. А.-ро

с. 1411 ҳокими Гуҷарот Аҳмадшоҳ буньёд карда, пойтахти мамлакат қарор дода буд.

АҲМАДОВ Бахтиёр Почомирович (тав. 26. 6. 1933, Хуҷанд), онкологи советӣ, доктори илмҳои тиб (1977).

Аз оилаи хизматчӣ. С. 1956 Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистонро хатм кард. С-ҳои 1957—59 сардухтури Диспансери онкологии вилояти Ленинобод ва роҳбари умури онкологии районҳои шимоли республика, 1960—63 аспиранти Ин-ти онкологии таҷрибавӣ ва клиникии АИТ СССР (Москва), 1964—65 мудири шӯъбаи ҷарроҳии Диспансери онкологии республикавӣ, доценти кафедраи ҷарроҳии госпиталӣ оид ба «курси онкология» (мудири курсҳои онкология)-и Ин-ти тиббӣ, саронкологи Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, 1965—73 роҳбари Ҷамъияти онкологҳо, муовини раис ва аъзои правлениями Ҷамъияти республикавии ҷарроҳони Тоҷикистон ва аз с. 1973 мудири кафедраи онкологияи Ин-ти тиббии Тоҷикистон. Зиёда аз 90 мақолаи ӯ ба ташхис ва муолиҷаи саратони меъда, омосҳои системаи устухон, қисми ҷоғу рӯй ва ғ. бахшида шудааст. А. с. 1976 дар мавзӯи «Омосҳои метастатикии устухон (клиника, ташхис ва муолиҷа)» дисс. докторӣ ҳимоя намуд.

Ас.: Анатомия сосудов опухолей, Д., 1974 (ҳаммуаллифон: Жданов Д. А., Этинген Л. Е.); Библиография отечественной литературы по раку желудка за 50 лет, Д., 1977.

АҲМАДОВ Додоҷон Маҳмудович (15. 12. 1915, Хуҷанд — 28. 1. 1975, Душанбе), аввалин эндокринологи тоҷик, ветерани Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45), майори гвардияи хизмати тиббӣ, раиси Ҷамъияти илмии эндокринологҳои республика (аз с. 1963), аъзои Правлениями марказии Ҷамъияти дӯстии СССР ва Румыния (аз с. 1966), Духтури Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1966). Аъзои КПСС аз с. 1949. Фак-ти муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббии Тошкентро хатм кард (1939). С-ҳои 1939—41 ва 1945—49 дар муассисаҳои тиббии Ленинобод, 1949—55 ҷонишини вазири Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. буд. С. 1959 дисс. номзадӣ ҳимоя кард. То с. 1970 сардухтури Диспансери республикавии эндокринологии ш. Душанбе шуда кор кард. Аз с. 1965 доценти Ин-ти тиббӣ буд. А. бо ордени Ситораи Сурх, ордени «Нишони Фахрӣ», бо медальҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Советӣ Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АҲМАДОВ Карим Юсуфович (тав. 19. 11. 1917, Хуҷанд), физиологи советӣ, доктори илмҳои тиб (1967), проф. (1968). Аъзои КПСС аз с. 1943. Ин-ти давлатии тиббии Тошкентро с. 1941 хатм карда, ба хизмати ҳарбӣ меравад. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45), майори хизмати тиббӣ, ба сифати духтури калони полки савора хизмат кардааст.

Аз с. 1947 ассистент, с. 1959 доцент ва аз с. 1967 мудири кафедраи физиологияи нормалии Ин-ти давлатии тиббии РСС Тоҷ. С-ҳои 1953—57 вазири нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон буд. Зиёда аз 40 асари А. ба омӯзиши таъсири норасоии оксигени ҳаво ва механизмҳои адаптацияи системаҳои мухталифи функционалӣ (дилу раг, нафаскашӣ) ҳангоми гипоксияи экспериментали дар шароити баландкӯҳ бахшида шудаанд. А. аз с. 1948 вакили ҳаман съездҳои умумиттифоқии физиологҳо ва раиси Комитети ташкилии конференцияи сеюми физиологҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар ш. Душанбе (1966), Аъзои Президиуми совети марказии Ҷамъияти умумиттифоқии физиологҳои ба номи И. П. Павлови назди АФ СССР. А. раиси Ҷамъияти физиологҳои РСС Тоҷ. мебошад. А. номзад ба аъзогии КМ ПК Тоҷ. (1954—1956), депутати Советӣ Олии РСС Тоҷ. (даъвати 4). А. бо 8 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Дыхание человека при высокогорной гипоксии, Д., 1971.

АҲМАДОВ Нуриддин (тав. 1897, деҳаи Понғози р-ни Ашт), яке аз иштирокчиёни барпо кардани Ҳокимияти Советӣ ва сохтмони социализм дар республика. Аъзои КПСС аз с. 1938. Аз оилаи коргар. С. 1916 мактаби руси маҳаллиро хатм намуда, дар идораи савдо ва саноати Григорьев дар ш. Қӯқанд қосид шуд. Баъди ғалабаи Революцияи Кабири Социалистии Октябрь ихтиёрӣ ба сафи Гвардияи Сурх дохил гардида, дар ҷангҳои муқобили душманони социализм фаъолона иштирок кард. С. 1918 ба сафи комсомоли ленинӣ даромада, дар торумор кардани дастаҳои босмачиён дар районҳои Тоҷикистони Шимолӣ фаъолона иштирок намуд. С-ҳои 1924—27 дар корҳои роҳбарии органҳои ОГПУ, милиция ва МВД дар районҳои Ашт, Пролетар, Уротеппа, Орҷоникидзеобод буд. С. 1948—55 раиси Советҳои қишлоқҳои Понғоз ва Ошобаи районы Ашт. Аз с. 1955 нафақахӯри шахсӣ. Бо орденҳои Байраҳи Сурх, Ситораи Сурх ва се медаль мукофотонида шудааст.

Ад.: Говорят строители социализма, Д., 1967.

АҲМАДОВ Раҳматулло (тав. 1924, деҳаи Даҳанаи р-ни Кӯлоб), ходими партиявию давлатӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957). Аъзои КПСС аз с. 1944. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). А. с-ҳои 1936—41 донишҷӯи омӯзишгоҳи педагогии Орҷоникидзеобод, 1941—42 муаллим, 1946—64 котиби масъул ва муҳаррири газетаи «Коммуна»-и р-ни Орҷоникидзеобод, инструктори Комитети партиявии вил. Сталинобод, ҷонишини мудири шӯъбаи пропаганда ва агитацияи комитети партияви ва котиби якуми комитети партиявии р-нҳои Орҷоникидзеобод, Шаҳринав, Октябрь ва ш. Конибодом, 1964—69 мудири шӯъбаҳои мукофот ва масъалаҳои кори советҳои Президиуми Советӣ Олии РСС Тоҷ., 1969—73 ҷонишини якуми вазири маданият ва аз с. 1973 сардори Управлениями корҳои Советӣ Вазирони РСС Тоҷ. Депутати Советӣ Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 4, 5, 9). Бо ордени Ленин, 2 ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советӣ Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АҲМАДОВ Фатҳулло (1918, деҳаи Даштаки Хуҷанд — 1944, ш. Седлеци Польша), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1945), сержант. Аз оилаи деҳқон. С. 1935 ба сафи Арминяи Сурх даъват шуд. Баъди адои хизмат дар яке аз к-зҳои р-ни Ленинобод (ҳозир к-зи ба номи Ӯрунхӯҷаев) трактормӣ шуда кор мекард. А. аз рӯзҳои аввали ҷанг дар мудофиаи Севастополь иштирок кардааст. С. 1944 А. ба сифати командири расчёти танкзан дар собиқ полки 61-уми дивизияи 17-ум хизмат мекард. Дар наздики ш. Лукуви Польша дар муҳорибаи 30 июль ба пешрави эскадрон ДЗОТ-и душман халал мерасонд. А. бо расчёти худ онро нобуд кард. Рӯзи дигар ду батальони душман бо ҳимояи 13 танк ҳуҷум намуд. Баъди наздик омадани танкҳо А. гранатаи зиддитанкиро партофта, ба пешрави подразделениями ҳуҷумкунандаи худ шароити мусоид фароҳам овард.



АҲМАДОВ Ҳомид (тав. 1932, Конибодом), муаррихи советии тоҷик, доктори илми таърих (1973), проф. (1978). Аъзои КПСС аз с. 1955. Аз оилаи хизматчӣ. Баъди хатми Ун-ти давлатии Тоҷикистон с. 1953 мудири кабинети марксизм - ленинизм, с-ҳои 1954—59 ассистент ва муаллими калони кафедраи таърихи КПСС-и Ун-ти давлатии Тоҷикистон, 1959—62 дар Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ КПСС таҳсил ва диссертацияи номзадӣ ҳимоя кард. С-ҳои 1962—74 муаллими калон, ходими калони илмӣ, доценти кафедраи таърихи КПСС-и Ун-ти давлатии Тоҷикистон. Аз апр. 1974 проректори Ун-ти давлатии Тоҷикистон оид ба шӯъбаи шабона, аз с. 1975 мудири кафедраи таърихи КПСС. А. муаллифи асарҳои «Баъзе усулҳои прогрессивӣ дар пахтакорӣ» (1964), «КПСС—ташкилотчии ҷамъбаст ва ҷорӣ кардани таҷрибаи пешқадам дар пахтакорӣ» (1969), «Бо роҳи асосӣ» (1973), «КПСС дар муборизаи барои интенсификацияи пахтакорӣ» (1976) ва г.

АҲМАДОВА Шамсӣ (тав. 1918, деҳаи Ғулакандози ҳозира р-ни Пролетар), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1962). Аъзои КПСС аз с. 1941. Аз с. 1935 колхозчӣ, сардори звено ва бригадаи пахтакории к-зи ба номи Ленини р-ни Пролетар буд. Аз с. 1970 нафақахӯри шахсӣ. С. 1947 ҳосили баланди пахтаи маҳиннах рӯёнд. Бо ордени Ленин, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АҲМАДОВА Қумрӣ (тав. 8. 3. 1915, ш. Фарғона), ресанда, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1960). Аъзои КПСС аз с. 1957. С-ҳои 1939—48 коргари э-ди тухми кирмак, ресандаи ф-каи пиллакашии ш. Фарғона, 1948—65 ресандаи комб. абрешими Душанбе ва аз с. 1965 нафақахӯри шахсӣ. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

АҲМАДШОҲИ ДУРРОНӢ احمد شاه درانی (1721—1773), асосгузори давлати *Дурроний*. Аввал роҳбари дастаи сипоҳиёни афғон буд. Дар лашкаркашиҳои *Нодиршоҳи Афшор* иштирок намуда, маҳорати ҳарбии худро такмил медод. Баъди марги Нодиршоҳи Афшор (1747) давлати азими ӯ пароканда шуд ва афғонҳо ҳам сар аз итоат бароварданд. Ҷиргаи малиҳои қабилаи абдолӣ, ки дар Қандаҳор ҷамъ омада буд, аз байни як идда довталабони тоҷу тахт Аҳмадшоҳро баргузид. Дар аҳди А. Д. абдолиён соҳиби имтиёз ва нуфузи махсус гардида, «дурроний» ном гирифтанд ва худи ӯ ҳамчун «дурри дуррон» шӯҳрат ёфт. А. Д. на танҳо мулкҳои қабилаҳои афғонро ба як марказ муттаҳид кард, инчунин Хуросон, Балучистон, Систон, Панҷоб, Синд, Кашмир, Сирҳинд, Ҷамму ва диг. сарзаминҳоро низ ба давлати худ ҳамроҳ намуд. Яни. 1761 дар Понипат ҳукумати пурқуввати Ҳиндустон *(маратҳо)*-ро шикаст дод. А. Д. с-ҳои 1750—55 ба тарафи шимоли силсилакӯҳҳои Ҳиндукуш лашкар кашида, Балх, Қундуз; Шибиргон, Маймана, Андхӯй ва Бадахшонро, ки пештар мулкҳои аморати Бухоро ҳисоб мешуданд, ишғол намуд. Дар натиҷа А. Д. давлати азиме барпо намуд, ки масоҳати он аз 2 млн км мураббаъ бештар буда, ғайр аз афғонҳо тоҷикон, ҳазорахо, балучҳо ва халҳҳою қабилаҳои ғайриафғониро дарбар мегирифт. Даромади хазинаи А. Д. 3 курур (30 млн) рупияро ташкил медод, ки сеяки он аз вил. Ҳиндустони Шимолӣ ба даст меомад. Тарзи мамлакатдорӣ ва ташкили қуввахои низомии Дурроний дар пайравии давлатхои пешинаи мамлакатҳои Шарқи Миёна сохта шуда буд. Забони расмии Дурроний дарӣ буд. Дар аҳди А. Д. савдо ва ҳунармандӣ дар шаҳрҳо ривоҷу равнаҚ ёфта, қуввахои истеҳсолӣ тараққӣ кард. Пойтахти Афғонистон — Қандаҳор дар замони А. Д. ободу зебо гардид, бино ва иморатҳои зиёд сохта шуд, ки намунаи онҳо мақбараи А. Д. мазори «Ҳирқоми муборак» ва г. ҳоло ҳам барҷост. А. Д. шоиронро, олимон ва ҳунармандонро дар дарбори худ ҷамъ оварда, худ низ шеър менавишт. Девони ашъори ӯ с. 1949 дар Кобул нашр шуд. *Д. Саидмуродов.*

АҲМАДӢ (Ahmedi), (1334—1413), шоири турк. Яке аз асосгузорони адабиёти дарбор. Дар аҳди амир Сулаймон зиста ааст. А. бо унвони «Искандарнома» (1400) дар пайравии Низомӣ достоне навиштааст, ки дар адабиёти турк аввалин асар дар бораи Искандари Мақдуни мебошад. Мавзӯи достони дигари А. — «Ҷамшед ва Хуршед» аз адабиёти форс-тоҷик гирифта шуда, шоир аз образҳои афсонаҳои сеҳрноки турк фаровон истифода кардааст. Аз А. як девони ашъори лирики ҳам боқи мондааст.

АҲМАДҶОНИ МУНШӢ احمدجان منشی (1882—1951, ш. Пешовар), нависандаи афғон, яке аз асосгузорони насри бадеии пашту. Дар замиинаи фольклори афғон як силсила ҳикояҳо ба вуҷуд овардааст, ки дар маҷмӯаи «Ину он» (1929) ва «Сухан аз қиссахонӣ» (1930) гирд омадаанд. Дар эҷодиёти А. М. майли худдорӣ аз баёни масъалаҳои иҷтимоӣ ҳис карда мешавад. А. М. бо унвони «Таърихи Афғонистон» асаре таълиф карда, китоберо бо номи «Таърихи Маҳмуди Ғазнавӣ» аз форсӣ ба пашту тарҷума намудааст. *Ш. Орифов.*

АҲОЛИИ ҒАЙРИНИЗОМӢ (дар ҳуқуқи байналхалқӣ), аҳолии мамлакатҳои ҷангкунанда, ки дар амалиёти ҳарбӣ ва гурӯҳҳои партизанӣ иштирок намекунанд. Дар созишномаи Женева оид ба муҳофизати аҳолии граждани (1949) нисбатинӣ шудааст, ки нисбат ба аҳолии сарзамини истилошуда иҳсондӯстона муносибат карда шавад. Созишномаи мазкур горат кардан, азобу шиканҷа додан ва ба қатл расондани аҳолии граждaниро ҷиноят мешуморад, дар амалиёти ҳарбӣ зӯран кор фармудан ва ба мамлакати бегона маҷбуран бурдани онҳоро манъ мекунад. Вале давлатҳои ҷангҷӯи империалистӣ ҳамеша ин нормаҳои ҳуқуқи байналхалқиро вайрон мекунанд. Фашистони немис дар замони ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—1945), империалистони Америка дар ҷанги таҷовузкорона ба муқобили Корея, Вьетнам, Лаос, Камбоҷия ҳазорон занону кӯдакон ва пиронро нобуд карда, ба муқобили аҳолии осоишта яроҳҳои бактериологӣ ва химиявӣ кор фармудаанд. Ин гуна кирдори ваҳшиёна на фақат хилофи нормаҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ, балки ба оддитарин мафҳуми инсонпарварӣ муқобил буда, ҷиноятҳои ҳарбӣ ба шумор меравад. СССР нормаҳои ҳуқуқи байналхалқиро доимо қатъӣ риоя менамояд. *М. Ҳомидов.*

АҲОЛӢ, тамоми сокинони руи Замин ё территорияи муайян. Тадқиқи А. ба илми махсус — *демография* таалуқ дорад. Омӯзиши илмӣ ва муқоиса аз а. 17, барҳайдкунии мураттаби он дар Европаю Америка а. 19 ва дар нохияҳои диг. аз чорякі аввали а. 20 сар шуд (дар баъзе мамлакатҳои Осиё ва Африка А. нахустин бор баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба рӯйхат гирифта шуд; дар Афғонистон, Бутон, як катор мамлакатҳои нимҷаз. Арабистон ва баъзе мамлакатҳои Африка барҳайдкунии А. тамоман гузаронида нашудааст). Нишондиҳандаҳои асосии А. инҳоянд: таваллуд, фавт, афзоиши табиӣ; ҷойгиршавӣ, *урбанизация*, *миграция*, синну сол, ҷинс, вазъияти оиладӣ, дараҷаи маълумот, ҳайати нажодӣ, забонӣ, этникӣ, инчунин дини Шумораи А. и ҷаҳон умуман ба афзоиши табии, миқдори аҳолии мамлака-

ту ноҳияҳои чудогона бошад, ба процессҳои миграция низ вобастаанд. Дар давоми с-ҳои 1968—73 коэффициенти тавлид дар рӯи Замин ба ҳисоби миёна 34%, фавт 14%, афзоиши табиӣ 20% ё ки соле қариб 75 млн нафарро ташкил медод. Бо кам шудани фавти аҳолӣ, махсусан кӯдакон, дарозии умр (ба ҳисоби миёна) меафзояд. Ҳанӯз а. 19 дар Европа ҳисоби миёнаи умр 35 сол буд. Ҳоло он дар Америкаи Шимолӣ ва Европа 68—70 сол, дар Америкаи Лотинӣ 50—55 сол, Осиё 40—50 сол, Африка камтар аз 40 сол аст. Аммо дар баъзе мавридҳо ва дар мамлакатҳои чудогона дар натичаи вабо, ҷанг ва офатҳои табиӣ суст шудани суръати афзоиш ва кам шудани шумораи А. мушоҳида мешавад. Чунончи, дар давоми 2 ҷанги ҷаҳон 60 млн одам нобуд шуд. Олимони буржуазӣ Ҷ. Стюарт, Ҷ. Таунсенд ва Т. Мальтус назарияи «номутаносибӣ»-ро бофта баровардаанд, ки мувофиқи он аҳолӣ аз рӯи прогрессияи геометрӣ (1, 2, 4, 8), неъматҳои моддӣ бошанд, аз рӯи прогрессияи арифметикӣ (1, 2, 3, 4) меафзоянд ва дар натича гӯё аҳолӣ гирифтори қашшоқӣ ва гуруснагӣ мегардад. Моҳияти ғайриилмӣ ва майдабуржуазии мальтусчигиро илми марксистӣ фош кардааст. Назарияи марксистӣ-ленинии А. таъсири қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро ба шароити зиндагӣ, меҳнат ва афзоиши аҳолӣ, инчунин таъсири омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ, юридикӣ, динӣ ва маиширо ба нишондиҳандаҳои демографӣ тадқиқ мекунад. А.-и ҷаҳон муттасил меафзояд. Аз рӯи ҳисоби Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида моҳи янв. 1976 шумораи А.-и кураи Замин ба 4 млрд расид. Агар дар оянда ҳам афзоиш бо суръати ҳозира давом кунад, с. 2010 шумораи А.-и ҷаҳон ду баробар афзуда, ба 8 млрд мерасад. Дар баробари ҳамин суръати афзоиши аҳолии шаҳрҳо назар ба афзоиши умумӣ ду баробар зиёдтар буда, ҳозир дар шаҳрҳои тамоми ҷаҳон қариб 35% А. зиндагонӣ мекунад (ниг. *Урбанизация*). Зичии миёнаи аҳолии ҷаҳон дар 1 км² 27 наф. буда, нобаробар ҷойгир шудааст (мас., дар Австралия ва Уқьёнусия дар 1 км² 2 наф., дар Европаи хориҷӣ—97 наф.). Дар ноҳияҳои сераҳолитарин, ки 7% хушкиро дарбар гирифтаанд, 70% А.-и ҷаҳон зиндагӣ мекунад. Қариб 30% хушкӣ тамоман беаҳолист. Дар ҷаҳон қариб 2 ҳаз. халқ ҳаст, ки зиёда аз 100-тоаш ба СССР рост меояд. Дар давоми тараққиёти дурударози таърихӣ қисме аз онҳо ба миллат, дигараш ба халқият ва сеюмин ба гурӯҳи қабилаҳо табдил ёфтааст. Ҳамаи халқҳо аз рӯи забон ба оилаю гурӯҳҳо тақсим мешаванд. Калонтарини онҳо: ҳинду европой (47% тамоми аҳолӣ), хитою тибетӣ (22%), австронезӣ (5%), сомию ҳомӣ (4,7%), дравӣ (4%), банту (3%). Беш аз 40% тамоми инсоният ба 5 забони маъмултарини дуньё (хитой, англисӣ, ҳиндӣ, испанӣ ва русӣ) гуфтугӯ мекунад. Аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон сермиллатанд. Дар баъзеи онҳо (СССР, Ҳиндустон, Индонезия, Хитой, Покистон, Эрон ва ғ.) аз даҳ то сад халқ зиндагӣ мекунад. Мамлакатҳое, ки як миллат доранд, нисбатан каманд (Япония, Бангладеш, мамлакатҳои нимҷаз. Арабистон ва баъзе мамлакатҳои Европа).

Дараҷаи маълумотнокӣ низ нишонаи муҳими тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳо мебошад. Шумораи бесаводон дар тамоми ҷаҳон аз 800 млн бештар аст; дар аксари мамлакатҳои Осиё ва Африка бесаводон аз 50% зиёдтар буда, дар баъзеи онҳо ба 80—90% мерасад. Дар мамлакатҳои социалистӣ бесаводӣ қариб пурра маҳв шудааст. Дараҷаи фаъолияти меҳнатии А., инчунин ба соҳаҳои хоҷагӣ тақсим шудани одамони машғули кор ба сохти иҷтимоии давлат ва вазъияти қувваҳои истеҳсолкунандаи он вобастаанд. Дар СССР қонуни социалистии А. амал мекунад; ба он аз рӯи план бо кор пурра таъмин кардан ва оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ хос аст. Мувофиқи барӯйхатгирии с. 1970 шумораи А.-и машғули кор 115,5 млн, ё ки 47,8% тамоми аҳолии СССР-ро ташкил дод. Тоҷикистон аз ҷиҳати шумораи А. (мувофиқи барӯйхатгирии 15 янв. 1970) дар байни республикаҳои иттифоқӣ ҷои 11-умро мегирад. С. 1913 А.-и Тоҷикистон 1034,4ҳаз. наф. буд, 1 янв. 1977 ба 3 млн 591 ҳаз. наф. расид. Сабаби чунин афзоиш на танҳо зиёд будани фоизи таваллуд, балки беҳтаршавии дараҷаи зиндагии мардум ва хизмати тиббӣ, кам шудани фавт, махсусан фавти кӯдакон, инчунин тараққии саноату авҷ гирифтани сохтмони иншоотҳои бузург мебошад.

Ад.: Валентей Д. И., Проблемы народонаселения, М., 1961; Козлов В. И., Динамика численности народов, М., 1969; Народное хозяйство СССР (1922—72), М., 1972; Советский Таджикистан за 50 лет. ЦСУ Таджикской ССР, Д., 1975.

АҲР, ниг. *Шунг.*

АҲРИМАН (امریمن — бадандеш), Ангро-Майню, Анҳро-Майню, Аҳра-Маню, дар динҳои дуалистии қадимаи эронӣ (маздоия, зардуштия) сарвари худоҳои бадӣ ва таҷассуми мабдаи зишт. А. зидди *Аҳуромаздо* ва рӯҳи муқаддас — Спента-Майню буда, ҳама чизи баду зиштро офаридааст.

АҲРОМ (ар. اهرام — ҷамъи هرم ҳарам), пирамида, иншооти бузурги пирамидашакл, ки деворҳои он зинамонанд ва баъзан ҳамвор буда, ба атиқа мутааллиқ аст. Мақбараҳои азими фиръавнҳои Мисри Қадим — ҳазорсолаи 3 то м.— а. 18 то м. (ниг. *Миср*), «Маъбади Офтоб» дар ш. Паленкеи Мексика (нимаи дуюми а. 7) ва баъзе иншоотҳои пойтахти ацтекҳо — ш. Теночтитлан (Мексика) аз ҷумлаи А. мебошанд. Қадимтарин А. ҳарами фиръавн Ҷосер дар Саккара (а. 28 то м.) ва Снофру дар Медум дар шакли пирамидаи зинадор мебошанд. Баъдтар А.-ҳо чун призмаи чорпаҳлу сохта мешуданд, ки намунаи онҳо аҳроми фиръавнҳо Хеопс, Хефрен ва Микерин мебошанд. Боҳашаматтарин А. ҳарами Хеопс буда (ҳазорсолаи 3 то м., баландиаш 146 м), мувофиқи маълумоти Геродот онро дар зарфи 20 сол 100 ҳаз. ғуломон сохтаанд.

Аҳроми Ҷиза.

АҲРОРӢ Ҳабиб (тав. 15. 8. 1913, Самарқанд), мутарҷими советии тоҷик. Аъзои КПСС аз с. 1943. Коркуни Хизматнишондодаи Маданияти РСС Тоҷ. (1973). Аз оилаи қаннод. Фак-ти забон ва адабиёти русии Ин-ти педагогии Тошкентро хатм намуда (1941), дар нашриёти Тоҷикистон кор кардааст. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. С-ҳои 1942—48 дар сафи Армияи Сурх, 1948—50 муҳаррири радиои Узбекистон, 1950—55 тарҷумони адабӣ ва сармуҳаррири Нашриёти давлатии Тоҷикистон буд. С-ҳои 1955—1977 ходими калони илмӣ ва баъд мудири сектори тарҷумаи Ин-ти таърихи партияи назди КМ ПК Тоҷ. Фаъолияти адабии А. аз с. 1935 сар шудааст. Аввалин тарҷумаи бадеиаш «Гуливер дар байни лилипутҳо»-и Ҷ. Свифт (1936) буд. А. як силсила осори адибони классикӣ ва советии рус («Моҷарои Иван Иванович ва Иван Никифорович», 1940 ва «Шинель»-и Н. В. Гоголь, 1952; «Торумор», 1949 ва «Гвардияи ҷавон»-и А. Фадеев, ҷ. 1, 1954; ҳикояҳои И. Тургенев, М. Горький, А. Чехов, А. Толстой, 1964—1968; «Қисмати одам»-и М. Шолохов, 1958; «Ҷанг ва сулҳ»-и Л. Толстой, 1953—62 ва ғ.)-ро тарҷума кардааст. Тарҷумаи тоҷикии як силсила осори адибони ғарб — Бальзак, Вольтер, Альфред де Мюссе, Гюго, Мопассан, Стендаль ва ғ. ва адибони халқҳои советӣ — Ойбек, Ғ. Ғулом, Ч. Айтматов, И. Шамякин, Ф. Пестрак, А. Олимҷонов ва диг. ба қалами А. таалуқ дорад.

А. яке аз тарҷумонҳои асосии осори классикони марксизм-ленинизм мебошад. Бо 3 ордени «Ҷанги Бузурги Ватанӣ», ордени «Ситораи Сурх» ва 8 медаль мукофотонида шудааст. Аз с. 1954 узви ИҲ СССР.

АҲРОРӢ, навъи зардолуи маҳаллии пешпазак. Асосан дар районҳои Тоҷикистони Шимолӣ (Панҷакент, Хуҷанд, Конибодом ва г.) ва инчунин РСС Ӯзб. меруяд. Дарахташ сершох, соли 3—4-ум ҳосил медиҳад. Аз ҳар бохи он то 50—60 кг ҳосил мегиранд. Март—апр. гул карда, мевааш охирҳои май мепазад. Мевааш сурх ё зардчаи кулӯла, 45—50 г, сершираву ширин, 10—12% қанд, 16,2% моддаҳои хушк, 0,8% турши ва г. дорад.

Меваи А.-ро бештар баргак ва аштак мекунанд. Мағзи донакаш талх ва аз ин рӯ дар баъзе маҳалҳо «зардолуи талхак» ё «талхак» низ меноманд. А. сармобардор ва аз хашароту касалӣ кам зарар мебинад.

АҲСАН احسن Мирзо Аҳсануллоҳи Зафарҳон (с. тав. номаълум — ваф. 1663, Лоҳур), шоири форсизабони Ҳиндустон. Падари ӯ Хоҷа Абулҳасани Турбатӣ дар аҳди Акбар (1556—1604) аз Хуросон ба Ҳинд рафта, дар Дакан, Кашмир ва Деҳлӣ вазифаҳои масъули давлатиро адо кардааст. А. баъди вафоти падараш, с. 1633 мансабдори Кашмир таъин шуда, дар инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир ролӣ калон бозидааст. Шоир *Соиби* Исфаҳонӣ солҳои дароз дар дарбори А. умр ба сар бурда, бо ӯ муносибати дӯстона доштааст. Шоирон ва донишмандони маъруфи а. 17, аз қабили *Ғанӣ Кашмирӣ*, Абӯтолиби *Калим*, *Толиби Омулӣ*, Муҳаммадҷони *Кудсӣ* ва *Салими Теҳронӣ* дар дарбори А. ба кори эҷодӣ машғул шуда, аз ӯ ёрии модӣ дидаанд. Аз А. маснавиҳои «Ҳафт манзил», «Ҷилвагоҳ», «Майхонаи ноз», «Соқинома» ва «Девони ғазалиёту рубоиёт» мерос мондааст. *А. Ғаффоров.*

«АҲСАН-УТ-ТАВОРИҲ» احسن التواریخ асари 12 ҷилдаи таъриҳии Ҳасанбек Румлу ба забони форсӣ. Нусхаҳои ҷилдҳои 11—12 то замони мо расидаанд. Ҷилди 11 воқеаҳои таъриҳии с-ҳои 1405—93 ва ҷилди 12 воқеаҳои с-ҳои 1494—1577-ро дар бар мегирад. Яке аз нусхаҳои дастнависи ин ду ҷилд дар Ленинград маҳфуз аст. Ҷилди 12, ки таъриҳи ҳукмронии се шоҳи аввалини сулолаи *Сафавиёнро* дар бар мегирад, с-ҳои 1931—34 дар Ҳиндустон нашр шуд. Забони асар содда ва фаҳмо. Дар «А-ут-т.» доир ба ҳонҳои алоҳидаи Осиёи Миёна ва шӯришҳои халқӣ маълумотҳои ҷолиби диққат пайдо кардан мумкин аст. Ҳасанбек Румлу асари худро с. 1577 ба охир расонида, баъзе воқеаҳои таъриҳиро ҳамчун шоҳиди он тасвир кардааст. Порчаҳои «А-ут-т.» ба забонҳои гурҷӣ, англисӣ, русӣ ва г. тарҷума шудаанд. ҷилди 11, с. 1349 шамсӣ дар Теҳрон аз чоп баромад.

Ад.: Петрушевский И. П., Очерки по истории феодальных отношений в Азербайджане и Армении в XVI — начале XIX вв., Л., 1949; Стори Ч. А., Персидская литература. Био-библиографический обзор, т. 2—3, М., 1972.

А. Мухторов.

АҲУРОМАЗДО (اهورامزدا — фоили хайр, қувва ва рӯҳи некӣ), Ҳурмуз, Ормузд, худои олӣ дар *маздоия* ва *зардуштия*, офаридгори осмон, замин, одам ва тамоми набототу ҳайвоноти муфид. А. ҳамчун ҷуссаи одамшакли пардор тасаввур мешуд. Мувофиқи Авесто Зардушт вахйи илоҳиро аз А. гирифтааст. Дар «Готҳо» А. на танҳо худои олист, балки вазифаи диг. худоҳои пешинро низ ба ҷо оварда, бевосита ба яке аз мафҳумҳои асосии дини — аша (ҳақиқат, тартиботи одилона) алоқаманд аст.

Парастиши А. хусусан аз давраи ҳукмрониии Хашиёршоҳ (485—465 то м.) аҳамияти махсус пайдо кард. Дар ин давра дар байни диг. худоҳо парастиши А.—худои фалак, худои ҳамадон чудо гашта, маъбади худоҳои маҳаллии қабилавӣ (девҳо) вайрон ва худи онҳо иблисҳои бадхулқ, чаҳаннамиёни Аҳриман эълон шудаанд. Минбаъд А. ҳомии сулолаи Ҳахоманишиҳо эълон шуда, парастиши он як навъ аслиҳаи идеологӣ барои мустаҳкам намудани истибдоди гуломдори гардид. Мувофиқи таълимоти зардуштия мазмуни асосии рафти таъриҳи ҷаҳониро муборизаи А. бо Аҳриман ташкил медиҳад. Вале дар охир А. бо ёрии шаш фаришта (амшаспентаи) худ бар Аҳриман ғолиб омада, дар олам нур ва ҳайру эҳсонро барқарор менамояд. Зардуштиёни муосир — *габрҳо* ва *порсҳо* А.-ро худои ягона ҳонда, Аҳриманро рамзи ҳулқи ношоям дар инсон медонанд. *А. Шарифов.*

АҲҚАР احقر Муҳаммаднабии Рустоқӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1852), шоири тоҷик. Дар Рустоқ ном деҳаи Бадахшон ба дунёё омада, баъди таҳсили илм дабири миири Бадахшон шудааст. А. дар назму наср осори зиёде боқӣ гузоштааст. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ва китобҳои илмию адабии «Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ» (дар илми арӯз), «Рисола дар илми қавофӣ», «Ҳашт биҳишт» (дар илми адаб, ҳикмат, фалсафа ва г.), «Китоб ул-бадеъ», «Таҳқиқ-ул-лугот» ва г. аз таълифоти ӯст. *А. Абибов.*

АҲАБИИ ХУҶАНДӢ مجیبی خجندی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик. Дар охирҳои а. 12 дар Самарқанду Бухоро умр ба сар бурдааст. Муҳаммади Авфӣ ба табъи мавзун ва ашъори равони А. Х. баҳои баланд дода, як қасидаи ӯро бо радифи «нашканад» мисол овардааст, ки ҷавоб ба қасидаи Шарафуддини Ҳусом бо ин радиф будааст. Ин қасида дар байни аҳли адаб хеле машҳур буда, мавриди истиқбол ва ҷавобиҳои бисёр шоирон гардида будааст. А. Х. аз ҷумлаи он шоиронест, ки дар радифи душвори ин қасида табъ озмуда, муваффақият пайдо кардааст. Мутаассифона, аз мероси адабии ин шоири соҳибистеъдод хеле кам боқӣ мондааст. *С. Саъдиев.*

АҲАЛГИЕҲ (Aconitum), авлоди растаниҳои бисёрсолаи мансуби *чакамутиҷо*. Тақрибан 300 намудаш дар Нимкураи шимолӣ ва аз ин миқдор 75 намудаш дар СССР паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. A. rotundifolium, A. talassicum ва A. zeravschanicum (расм) вомехӯрад. А. поя қирраноки мӯйкдор, баргҳои панҷа-панҷа, гултӯдаи хӯшашакл, гули зард, кабуд, бунафш, баъзан сафед, решаи картошкашакли ғафс дорад. А. 15—200 см баланд мешавад. А. алкалоидҳои аконитин, зонторин, зарафшанидин ва г. дорад. Дорухое, ки аз А. тайёр мекунанд, чун воситаи рафъи зуком, невралгия (бемории асаб) ва

тарбод истифода мешаванд. Бештари намудҳои А. заҳрноканд. Алкалоидҳои А. барои ҳашарот ва диг. мавҷудоти зараррасон заҳри қотил аст. A. firmum, A. papellus ва ғ.-ро чун гиёҳи ороишӣ ҳам парвариш мекунанд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975.

АҶАМ (ар. عجم — норавшан), 1) мардумони ғайрипараб ва аз ҷумла халқҳои эронинажод; 2) мулк ва сарзамини халқҳои эронинажод; 3) яке аз савтҳои машҳури мусиқии классикии «Шашмақом». А. мисли *«Наврӯзи Аҷам»* ва «Баёти Аҷам» аз оҳангҳои қадимаи мардуми эронӣ буда, онро асосан бо ғижжак менавозанд. А. ба қисми дуюми шӯъбаи мақоми панҷуми «Шашмақом» «Сегоҳ» дохил мешавад.

АҶАМЯН Вартан Мкртичевич (тав. 28. 9. 1905 ш. Ван, Туркия), режиссёри советии арман. Арт. Халқии СССР (1965). Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1975). Аъзои КПСС аз с. 1946. Студияи драмавии Арманистон ва курси режиссёрии назди Пролеткультро (Москва) хатм намудааст. Яке аз ташкилкунандагони театри Ленинакан буда (1928, ҳоло театри ба номи Мравян), то с. 1938 ва с-ҳои 1943—47 роҳбари бадеӣ шуда кор кардааст. Аз с. 1939 режиссёр, 1953 саррежиссёри Театри ба номи Сундукян (Ереван). Аз ҷумлаи асарҳои ба саҳнагузоштааш: «Дар қаър»-и М. Горький (1932), «Шаби дувоздаҳум»-и У. Шекспир (1944), «Тӯи Кречинский»-и А. В. Сухово-Кобылин (1946), «Араи соҳибҷамол»-и Р. В. Зарян (1946, дар театри Ленинакан), «Барои виҷдон»-и А. Шервонзода (1939), «Ватани азиз»-и Д. К. Демирчян (1940), «Гвардияи ҷавон»-и А. Фадеев (1947), «Амаки Багдасар»-и А. О. Паронян (1954), «Номус» (1955), «Бесарусомонӣ» (1959), аз рӯи асарҳои А. Шервонзода, «Дили ман дар кӯҳсор»-и У. Сароян (1961), «Ромео ва Ҷульетта»-и У. Шекспир (1964) ва ғ. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1951). Бо 2 ордени Ленин, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

АҶДОДПАРАСТӢ, парастиши падару модарон, бобоён, хешовандон, яке аз шаклҳои васеъ паҳнгардидаи дин. А. дар давраи падаршоҳӣ, ҳамчун инъикоси фантастикии ҳокимияти сардорони авлод ва оила пайдо шудааст. А.-и авлодӣ ва оилавӣ дар байни халқҳои Африка аз шаклҳои дину оин буд. Вай дар Юнони Қадим ва Рим, дар Ҳинди Қадим, дар байни халқҳои Эрони Қадим инкишоф ёфта буд. А. асоси дини *конфуцийчигиро* ташкил медиҳад; боқимондаҳои он то даврҳои наздик дар байни халқҳои поёноби Волга, Кавказ, Осиёи Миёна, славянҳои шарқӣ ва ҷанубӣ дида мешуданд. Дар масеҳият низ баъзе нишонаҳои А. («ёдоварии падару модар», ё «рӯзи падару модарон») ҷой доранд. Унсурҳои А. (хайру садақа ба хотири аҷдод, ёдоварии рӯҳи гузаштагон, ба кӯдакон додани номи бобою модаркалон ва ғ.) дар байни халқҳои Шарқ ҳоло ҳам каму беш дида мешаванд.

М. Раҳимов.

АҶЗӢ عجزی Сайидаҳмадҳоҷаи Сиддиқӣ (1865, Самарқанд—1926, ҳамон ҷо), шоир, тарҷумон ва педагоги тоҷик. Дар оилаи ҳунарманд ба дунёё омада, баъди хатми таҳсил ба саёҳат баромадааст (1901—03). А. аз роҳи Ироқу Миср ба Россия омада, дар Боку ва Тифлис муддате таваққуф мекунад. Аз эҷодиёти адиби озар *Собир* таъсир бардоштааст. Баъди бargаштан ба ватан дар Самарқанд мактаб кушода, аз фанҳои дунявӣ ва забону адабиёти рус дарс додааст. Дар газетаю журналҳои давр: «Бухорои шариф» (1912—13), «Оина» (1913—15) шеъру мақолаҳо чоп мекард. Мероси адабиаш асосан ба тоҷикист, вале ба туркӣ ва арабӣ низ ашъор дорад. Дар шеъри тоҷикӣ пайрави *Бедил* буда, ашъори туркиаш ба шеваи усмонӣ иншо шудааст. Дар маҷмӯаи шеърҳои «Айнуладаб» (1913) ва «Ганҷинаи ҳикмат» (1914), манзумаҳои «Анҷумани арвоҳ» (1914) ва «Мирзоти ибрат» (1914) ақидаҳои иҷтимоию сиёсии А. ифода ёфтаанд. Баъди ғалабаи Рев. Октябрь А. ба иттифоқи меҳнаткашони мусулмон—«Иттифоқ», ки бо ташкилоти иртиҷоии «Шӯрои ислом» муборизаи мебурд, ҳамроҳ шуд. Бо имзоҳои мустаори «Майна», «Тир», «Гумном», «Найза», «Шарора», «Алмос» ва ғ. шеърҳои ҳаҷвӣ навишта, душманонро фош ва мазаммат мекард. Аввалин тарҷумаи асарҳои нависандагони рус ба забони тоҷикӣ (асарҳои И. С. Тургенев, Н. В. Гоголь) ба қалами А. тааллуқ дорад.

Ад.: Рачабов З., Аҷзӣ ва Асирӣ, Сталинобод, 1951;
صدرالدین عینی، نمونهٔ ادبیات تاجیک، مسکو، ۱۹۲۶.

АҶИВИКА, яке аз таълимотҳои ғайрирасмии Ҳинди Қадим, ки мавҷудияти нафсро рад мекард. А. дар ибтидо ба буддоия алоқаманд буд. Ҳаким Маркалидеваро (а-ҳои 6—5) асосгузори А. меҳисобиданд. Асоси А.-ро ғояи атомистӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи таълимоти А. чор навъ атом вуҷуд дорад, ки аз онҳо чор унсури табиат—хок, об, оташ ва ҳаво таркиб меёбанд. Ҳамаи атомҳо қобилияти пайвастшавӣ доранд. Шуур ҳолати махсуси атомҳои нафистарин мебошад. Атомҳо абадию тақсимнопазир буда, офарида нашудаанд ва нест намегарданд. А. ҳамчун таълимоти материалистӣ ба муқобили динҳои қадими ҳиндӣ ва фалсафаи *бараҳмания* мебаромад.

АҶИНА (ар. جن — ҷин), симои асотирию динист. Доир ба А. байни мардум бисьёр нақлу афсонаҳо мавҷуд буд. А. осори эътиқоди динии давраи қадим, ки дар натиҷаи боварӣ ба рӯҳҳо пайдо шудааст (ниг. *Анимизм*). Макони А.-ро қабристони кӯҳна, мазор, ҳавлии вайрона, ҷувозхона, осиёб, зери кӯпрук, лаби ҷӯй ва ғ. меПиндоштанд. Аз рӯи надонистани сабаби якчанд бемориҳо (хусусан касалиҳои рӯҳӣ, лаква — каҷшавии лабу рӯй, фалаҷ—шалшавии дасту пой ва ғ.) одамон онро бо А. мепайвастанд. А. гӯё ба намуди пиразан, кӯдак, ҳайвони хурд, париҳои мӯдароз, лӯхтак, оташак ва ғ. вонамуд мешудааст. Дар нохияҳои гуногуни Тоҷикистон ба ҷои А. «номгирак», «ҷавобгӯяк», «сангпартояк», «чиздӯзак», «аловпарак» ҳам зикр меёфт. Бо инкишофи илму техника боварӣ ба А. барҳам хӯрдааст.

О. Муродов.

АҶИНАТЕППА, харобаи ёдгориҳои дини буддоии нимаи а. 7 — ибтидои а. 8 м. С. 1959 дар масофаи 3 км аз работи марказии совхози ба номи Кирови р-ни Вахши РСС Тоҷ. Т. И. Зеймаль кашф кард. С. 1960 ҳафриёти аввалин гузаронида шуд. Аз с. 1961 отряди Экспедицияи археологии Тоҷикистони Ҷанубӣ (таҳти роҳбарии Б. А. Литвинский ва Т. И. Зеймаль) мунтазам тадқиқот мебарад. То с. 1973 А. пурра тадқиқ шуд. А. бинои росткунҷаест, ки вусъаташ 100×50 м, баландиаш 6 м. Аз ду қисми мутаносиби бо роҳрав пайваста иборат аст, ки шартан «дайр» ва «маъбад» номида шуданд. Иморати ҳар як қисми бино аз рӯи тарҳи иморатсозии чорайвона бино ёфтааст. Бино аз пояҳо ва хишти хом, таҳкурсии он аз хишти пухта сохта шудааст. Фарши ҳуҷраҳо, рӯи ҳавлӣ ва девори биноҳои ибодатгоҳ бо хишти пухта рӯйкаш шудаанд. Равоқҳо камбар ва биноҳо гумбазнок будаанд. Дар маркази нимаи «дайр» ҳавлии чоркунҷае ҳаст (19 × 19 м), ки дар атрофи он ҳуҷраҳо, ибодатгоҳ, толор, биноҳои хоҷагӣ ҷой гирифтаанд. Ҳамаи ин биноҳоро роҳрав байни худ мепайваст. Ороиши меъмории ибодатгоҳи дайр мураккаб, шифту девор нақшу нигор ва муҷассамаҳои бисьёр дошт. Ҳангоми ҳафриёт пораҳои муҷассамаи калони баландиаш 4 м, ки дар маркази бино воқеъ буд, ёфт шуд. Поёни деворҳо, рӯи суфаҳо ва пояи ҳайкалҳо бо нақшу нигор оро ёфтаанд. Дигар биноҳои дайр, ҳуҷраҳои роҳибон намуди оддӣ доранд. Дар яке аз роҳравҳо муҷассамаи дувоздаҳметраи якпаҳлӯ ҳобидаи Буддо ва дар токчаҳо муҷассамаҳои хурди Буддои нишаста ёфт шуданд. Муҷассамаҳоро аз гил сохта рангубор додаанд. Тасвироти А. дар асоси анъанаҳои нақкошии ҳа-

Мучассамаи Буддо.

монзамонаи Осиёи Миёна ба ҷо оварда шудааст. Нақши иблис, роҳиб ва одамони оддӣ низ ҳастанд. Дар вақти ҳафриёти А. бисьёр бозьёфти шайъӣ — сафол, маснуоти шишагӣ ва фулузӣ, тангаҳо ёфт шуданд. Хусусан тангаҳо ҷолиби диққатанд. А. тақрибан сад сол вучуд дошт ва дар с-ҳои 40-уми а. 8 дар рафти истилои арабҳо тадричан хароб гардид. Ҳафриёти А. аҳамияти калони илмӣ дорад. А. пахустин ёдгории буддоӣ дар Осиёи Миёна аст, ки пурра тадқиқ карда шудааст.

Ад.: Литвинский Б. А., Зеймаль Т. И., Аджинатеппа, М., 1974.
В. Соловьев.

АҶИРИҚ (Cynodon), авлоди растанӣ, мансуби *хӯшаиҳо*. Тақрибан 10 намудаш дар минтақаҳои тропикӣ, субтропикӣ ва мӯътадил паҳн шудааст. Дар СССР 1 намудаш — C. dactylon (пиг. расм), ки асли баромадаш Африкаи тропикӣ аст, дар қисми ҷанубии Европа, Кавказ, ҷанубии Сибири Ғарбӣ ва дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. (ғайр аз Помири Шарқӣ) дар нишебиҳои алафзори кӯҳҳо, дар маргзорҳою соҳили дарьё,

Аҷириқ: 1 — намуди умумӣ; 2 — хӯша, 3 — шохча бо хӯшагул

заминҳои бекорҳобидаю сари роҳ, дар киштзору боғҳо (чун гиёҳи бегона) вомехӯрад. А. решапояи дарози ҳазанда, шохчаҳои хобанда ё ба боло сабзанда, пояи сербарг, хӯшагули 3—8-шохчапоки панҷа-панҷа дорад. А. дар Тоҷикистон аз моҳи июль гул карда, то моҳи сент. тухм мебандад. Асосан бо решапояш зиёд мешавад. Тухми А. бештар аз сиёҳак побуд мешавад. А. чун алафи сергизо («алафи бермудӣ») аҳамиятнок аст. Онро дар сабзанӯш намудани майдончаҳои спортию аэродромҳо, пиҳоҳ дештани хок аз шусташавӣ ва г. истифода мебаранд. А. дар заминҳои корам гиёҳи бегонаи зарарнок аст.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, М.-Л., 1957; Агалина В. Г., Жарков Р. Ш., Синьковский Л. П., Состав и питательность кормов Таджикистана, Д., 1968.
Г. Т. Сидоренко.

«АҶОИБ-УД-ДУНЬЁ» عجايب الدنيا асари космографии муаллифи номаълуми а. 13, ки ба забони форсии дарӣ таълиф шудааст. Муаллиф китобро дар асоси мушоҳидаҳои худ ва асари космографии «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тӯсӣ, инчунин бисьёр маъхазҳои географии арабию форсӣ эҷод кардааст. Маълумоти умумии географии «А.» як қатор мамлакату кишварҳо—Андалус, Хитой, Поволжия, Ҳиндустон, Яман ва Миср дарбар мегирад. Мушоҳидоти шахсӣ ва тасвироти муаллифи «А.» барои омӯхтани географияи таърихӣ ва этнографияи халқҳои Осиёи Миёна, Закавказия ва Поволжияи асрҳои миёна сарчашмаи муҳимест.
Ю. С. Мальцев.

«АҶОИБ-УЛ-АРЗ» عجايب الارض (оҳ. а. 12 — авв. а. 13), асари географӣ оид ба мамлакату халқҳои ҷаҳон. Онро муаллифи номаълуми хуросонӣ дар асоси маълумоти географҳои а. 10-и араб, форс-тоҷик Ибни Ҳавқал, Истахрӣ, Ибни Фақеҳ, Абӯзайди Балхӣ ва диг. тартиб додааст. «А.» аз муқаддима ва ду боб иборат. Дар боби аввал оид ба сатҳи Замин ва ҳафт иклими он маълумоти умумӣ дода шудааст. Муаллиф дар хусуси шаҳру аҳолӣ, шароитҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва захираҳои табиии як қатор мамлакатҳои Шарқ ва Ғарб, аз он ҷумла Эрон ва давлатҳои Осиёи Миёна, Закавказия ва Поволжия маълумоти муҳим медиҳад. Тасвири шаҳру пойтахтҳои Мовароуннаҳр—Суғд, Хоразм, Хуттал, Бадахшон, Истравшан ва Фарғона хеле ҷолиби диққатанд. Муаллиф инчунин дар бораи таҳрибаи илмии ҳисоби градуси меридиани маълумот додааст, ки онро ду нафар олими Осиёи Миёна Холид ибни Абдулмалики Марвруди ва Алӣ ибни Исои Устурлоби барои чен кардани даври Замин истифода бурдаанд. Ин таҷриба с. 827 дар Байнаннаҳрайни Боло гузаронида шуда, натиҷаи нисбат ба ҳамон давра аниқе дод, даври сатҳи Замин қариб 47 325 км-ро ташкил намуд. Боби дуюми асар ба масъалаҳои астрономия ва математикӣ бахшида шуда, сфераи осмон, 12 бурҷи фалак, инчунин сайёраҳои Моҳ, Миррих, Зӯҳра, Муштарӣ, Зуҳал ва ҳаракати онҳоро дар мадор тасвир мекунад. Дар «А.» аз хусуси шоҳони қадими Эрон (Баҳроми Гӯр, Доро), Искандари Зулқарнайн ва диг., қабилаю халқиятҳои Закавказия, Поволжия ва Европаи Шарқӣ достону ривоятҳои зиёде оварда шудаанд. Нусхаи ягонаи «А.» дар фонди дастхатҳои китобхонаи ба номи А. А. Семёнови Ин-ти таърихи АФ РСС Тоҷ. маҳфуз аст.
Ю. С. Мальцев.

«АҶОИБ-УЛ-БУЛДОН» عجايب البلدان («Аҷоиботи кишварҳо»), китоби *Абулмуайиди Балхӣ* (а. 10). То замони мо шакли нопурраш расидааст. «А.» дар китоби «Таърихи Систон» (а. 11) бо номи «Китоби аҷоиби барру баҳр» низ зикр шудааст. Абулмуайид китобро ба забони форсии дарӣ таълиф намуда, ба амири Сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур (976—997) бахшидааст. «А.» аҳамияти таърихӣ, географӣ ва адабӣ дошта, дар он аз хусуси бисьёр мамлакатҳо ва кишварҳои дуру наздик, аз ҷумла Ҳиндустон нақлу ривоят ва ҳикоятҳои марокашгезе оварда шудааст. «А.» барои омӯхтани таърихи забони адабии тоҷики низ муҳим аст.
Ш. Асроров.

«АҶОИБ-УЛ-МАҚДӮР ФӢ АХБОРИ ТЕМУР» عجايب المقدور فى اخبار تيمور таълифи Шиҳобуддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ад-Димишқӣ ал-Ансорӣ маъруф ба Ибни Арабшоҳ. Ибни Арабшоҳро дар бачагиаш Темур аз Сурия ба Самарқанд ба дарбори худ овард. Муаллифи «А.» дар асари худ ба шахсияти Темур ва амалиёти ғоратгаронаи вай баҳои ҳаққонию объективона дода, ваҳшигариҳои ӯро маҳкум кардааст. Баъзе фактҳои таърихи аз ҳаёти падари Темур ва худи ӯ танҳо дар ҳамин асар зикр ёфтаанд. Асари мазкур сарчашмаи нодири таърихии а. 14 ва ибтидои а. 15 ба шумор меравад. Вай ба забони арабӣ таълиф шуда, с-ҳои 1868—69 дар Қоҳира ва тарҷумаи англисиаш с. 1936 дар Лондон аз чоп баромадааст.

Ад.: История таджикского народа, т. 2, кн. 1, М., 1964; Бартольд В. В., Улугбек и его время, Соч., т. 2, кн. 2, М., 1964.
А. Мухторов.

«АҶОИБ УТ ТАБАҚОТ» عجايب الطبقات асари Муҳаммад Тоҳир ибни Абулқосим оид ба космография ва географияи Тақрибан с-ҳои 1642—45 таълиф шудааст. Муаллиф дар таълифи китоби худ аз «Масолик ва мамолик»-и Истахрӣ, «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Қазвинӣ истифода кардааст. «А.» доир ба таърихи географияи шаҳрҳо ва этнографияи қавмҳои Осиёи Миёна (Хоразм, Фарғона, Ӯш, Тошкент, Самарқанд, Хуҷанд, Бухоро, Кабодиён, Термиз, Балх ва г.) маълумоти ҷолиби диққат дорад. Дастнависи «А.» дар фехристи китобхонаҳои Душанбе, Тошкент, Ленинград ва г. ҳомбар шудааст.
Ю. С. Мальцев.

Б

Б (бе), ҳарфи дуюми алифбои тоҷикӣ, ки ба ҳарфҳои русии «бе» (славянии қадим «буки»), сомии «бет» (beth), юнонии «бета» (beta) айният дорад. Шакли унциалии ҳарфи мазкур (Б) ба асрҳои 6 тааллуқ дорад. Тафовути В-и лотинӣ аз Б-и славянӣ дар он аст, ки римиҳо алифбои худро дар а. 6 то м. дар асоси алифбои юнониҳо, яъне дар он даврае, ки ҳарфи В ҳамчун «б» талаффуз мешуд, тартиб додааند; дар даврои сохтани алифбои славянӣ (а. 9) бошад, В ҳамчун «в» талаффуз мешуд ва дар алифбои славянӣ барои ифодаи ҳамин овоз қабул шуд. Овозе, ки ин ҳарфро ифода мекунад, ҳамсадои таркандаи лабулабии ҷарангдор аст ва дар ҳамаи забонҳои сомӣ, дар забонҳои юнонӣ, лотинӣ, англисӣ, русӣ ва ғ. боқӣ мондааст. *В. А. Капранов.*

БА ЗАРБКУНАНДАҲО ҶУДОКУНИИ бисьёрузва, дар шакли ҳосили зарби ду ё чанд бисьёрузваи дараҷаи пасттар ифода кардани бисьёрузва. Мас., $x^2-1 = (x-1)(x+1)$, $x^2-(a+b)x+ab = (x-a)(x-b)$, $x^4-a^4 = (x-a)(x+a)(x^2+a^2)$. Тарзҳои асосии Б. з. ҷ. инҳоанд: аз қавсайн бароварданн зарбкунандаи умумӣ: $x^4+a^2x^2 = x^2(x^2+a^2)$, $x(x-a)-b(x-a) = (x-a)(x-b)$; татбиқи формулаҳои тайёр (ки дар хотир нигоҳ доштани онҳо осон аст): $x^2-a^2 = (x-a)(x+a)$, $x^3-a^3 = (x-a)(x^2+ax+a^2)$, $(x+a)^2 = x^2+2ax+a^2$, $(x+a)^3 = x^3+3ax^2+3a^2x+a^3$; гурӯҳбандии узвҳо, мас., $x^3+ax^2+a^2x+a^3 = (x^3+ax^2)+(a^2x+a^3) = x^2(x+a)+a^2(x+a) = (x+a)(x^2+a^2)$, $x^4+a^4 = (x^4+2a^2x^2+a^4)-2a^2x^2 = (x^2+a^2)^2-(\sqrt{2}ax)^2 = (x^2-\sqrt{2}ax+a^2)(x^2+\sqrt{2}ax+a^2)$ ва ғ. Агар бисьёрузваи дараҷаи n-уми

$$p(x) = a_0 + a_1x + a_2x^2 + \ldots + a_nx_n \quad (a_n \neq 0)$$

дорои решаҳои $x_1, x_2, \ldots, x_n$ бошад, пас, барои он Б. з. ҷ.-и зайл ҷой дорад: $p(x) = a_n(x-x_1)\ldots(x-x_n)$, ки ин ҷо ҳамаи зарбкунандаҳо бо дараҷаи 1 омаданд. Мас., азбаски бисьёрузваи дараҷаи сеюми $x^3-6x^2+11x-6$ решаҳои $x_1 = 1$, $x_2 = 2$, $x_3 = 3$ дорад, Б. з. ҷ.-и $x^3-6x^2+11x-6 = (x-1)(x-2)(x-3)$ бармеояд. Умуман, ҳар гуна бисьёрузваи дорои коэфф. ҳақиқӣ ба зарбкунандаҳои дараҷаи якум ё дуюми дорои ҳамин хел коэфф.-ҳо ҷудо мешавад. Бисьёрузваҳое низ ҳастанд, ки ба зарбкунандаҳо ҷудо намешаванд. *М. Исматов.*

«БА МЕҲНАТ ВА МУДОФИАИ СССР ТАЙЁР» (ГТО), комплекси умумиттифоқии физкультурӣ, ки асоси системаи давлатии тарбияи ҷисмониро ташкил дода, ба мустаҳкам кардани саломатӣ ва инкишофи ҳарҷонибаи ҷисмонии одамони советӣ, ба меҳнат ва мудофиаи Ватан тайёр кардани онҳо нигаронида шудааст. ГТО асоси программаи тарбияи ҷисмонӣ ба шумор меравад. Ба комплекс машқҳои гимнастикӣ: давидан, ҷаҳидан, ҳаво додани диск, найза ва ғ., ниҷунии шиноварӣ, велосипедронӣ, тирандозӣ ва ғ. дохил мешаванд. ГТО с. 1931 бо ташаббуси ВЛКСМ ташкил карда шуда буд; с. 1932 ба он зинаи 2-юм ва с. 1934 боз як зина — «Ба меҳнату мудофиа тайёр бош!» (БГТО) илова гардид. Зинаи 1-уми ГТО ба духтарону ҷавонони 16—18-сола; зинаи 2-юм барои калонсолон (аз 19-сола боло) пешбинӣ шудааст. Аз янв. 1972 зинаҳои маҳсуси комплекси ГТО дохил карда шуд; «Ҷасурӣ ва чолокӣ» (барои писару духтарони 10—13-сола), «Сменаи спортӣ» (14—15-сола), «Қувва ва мардонагӣ» (16—18-сола), «Камолоти ҷисмонӣ» (барои мардони 19—39-сола ва занони 15—34-сола), «Бардамӣ ва тандурустӣ» (барои мардони 40—60-сола ва занони 35—55-сола).

Ба комплекси ГТО мувофиқи талаботи замон ва инкишофи физкультура ҳар сари чанд сол тағйирот дохил карда мешавад. Дар Тоҷикистон зиёда аз 600 ҳаз. наф. сазовори нишони сарисинагии ГТО мебошанд (1977).

«БА ПЕШ», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Советии депутатҳои халқии р-ни Куйбышев. Аз с. 1934 ба забони тоҷикӣ ҳафтае се бор чоп мешавад, тиражаш 10200 нусха (1978). Аввал «Муборизаи барои пахта» ном дошт. Аз 12 янв. 1963 ба газета номи «Б. п.» дода шуд.

БА РОССИЯ ҲАМРОҲ КАРДА ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА, воқеаи муҳимми таърихист, ки с-ҳои 60—80-и а. 19 дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию мадании Осиёи Миёна ба амал омад ва тақдири халқҳои онро бо тақдири халқи рус пайваст намуд.

Дар он давра Осиёи Миёна дар ҳолати парокандагии феодалӣ буд. Ба он хавфи забти мамлакатҳои ҳоричӣ таҳдид мекард. С-ҳои 50—60-и а. 19 Англия мавқеи худро дар Ҳиндустон мустаҳкам намуда, ба ҳудуди Афғонистон дохил шуд ва аз паи забти Осиёи Миёна гардид. Хавфи Осиёи Миёнаро забт намудани Англия махсусан баъди ба имзо расидани шартномаи байни Россия ва Англия «Доир ба минтақаи бетараф» (1873) зиёдтар шуд. Мувофиқи ин шартнома Афғонистон зери «таъсири бевоситаи» Англия дониста шуд ва Англия барои забти Осиёи Миёна имконияти мусоид пайдо кард. Дар навбати худ, Россияи подшоҳӣ низ кӯшиш дошт, ки Осиёи Миёнаро забт кунад. Ислоҳоти деҳқонии с. 1861 ва тарақкии пуравҷи капитализм дар Россия амалӣ гардидани ин кӯшиши ҳукумати подшоҳиро тезонданд. Ба Россия манбаи ашьёи хом лозим буд. Илова бар ин, ба даст даровардани Осиёи Миёна барои Россия аҳамияти ҳарбию стратегӣ ҳам дошт.

С. 1864 қӯшуни Россияи подшоҳӣ Чимкент, маи 1865 Тошкент ва с. 1866 Нов, Хуҷанд, Ӯротеппаро ишғол намуда, Қӯқандро аз Бухоро ҷудо кард. Амир Музаффар «ғазову ҷиҳод»-и зидди «кофирҳо»-ро эълон намуда, хост вазъиятро тағйир диҳад. Вале 18 окт. 1866 дар наздикии Ҷиззах сахт шикаст хӯрд. Хонии Қӯқанд тобеи Россия шуд. Армияи ҳукумати подшоҳӣ дар наздикии Самарқанд ба қӯшуни амир зарба зада, шаҳрро ишғол кард. Вале ҳаракати минбаъдаи қӯшуни Россияи подшоҳӣ ба Бухоро қатъ гардид, зеро феодалҳову рӯҳониёни Самарқанд бо сардории писари калонии амир — Абдулмалик шӯриш бардоштанд ва генерал Кауфманро лозим омад, ки ба Самарқанд баргардад.

23 июни 1868 байни Россия ва Бухоро шартномае ба имзо расид, ки мувофиқи он Бухоро протекторати Россия шуд ва ба он тобеъ гардид. Шаҳрҳои Хуҷанд, Ӯротеппа, Самарқанд, Панҷакент, Каттақӯрғон ва ғ. ба ҳайати Россия дохил карда шуданд. Помир ва районҳои атрофи он, ки хавфи аз тарафи Англия забт шудан доштанд, низ ба Россия ҳамроҳ гардиданд.

Авг. 1873 дар хонии Хева протекторати Россия ҷорӣ карда шуд. Қисми терр-яи он ба Россия тобеъ шуд. С. 1876 ҳукумати подшоҳӣ шӯриши Қӯқандро пахш карда, хонии Қӯқандро барҳам дод ва терр-яи онро ба вил. Фарғона ҳамроҳ намуд. С. 1867 Генерал-губернатории Туркистон таъсис ёфт. С-ҳои 80-и а. 19 қӯшунҳои Россия заминҳои соҳили Каспийро ишғол карданд. Бо ҳамин процесси ба Россия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна анҷом ёфт. Дар натиҷа Осиёи Миёна мустамликаи Россияи

подшоҳӣ гардид ва халқҳои ин сарзамин ба истисмори дутарафа — бою феодалҳои маҳаллӣ ва капиталистону помещикҳои рус гирифтор шуданд. Вале аз назари объективияти таърихӣ Б. Р. ҳ. к. ш. О. М. воқеаи прогрессивӣ буд. Ф. Энгельс навишта буд, ки «...Россия дар ҳақиқат нисбат ба Шарқ роли прогрессивӣ мебовад» (Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., т. 27, изд. 2, стр. 241). Дар Осиёи Миёна ғуломдорӣ ва низоъҳои байни феодалон барҳам хӯрд; халқҳои ин сарзамин аз таҳдиди асорати Англия халос шуданд. Дар натиҷаи ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна дар ин кишвар корхонаҳои саноатӣ таъсис ёфтанд, бо тараққии унсурҳои муносибатҳои капиталистӣ пролетариати маҳаллӣ ба вуҷуд меомад. Россия дар баробари мамлакати мутлақияти нимфеодалӣ будан, маркази муборизаҳои революционӣ ҳам буд, ки ин на танҳо барои тақдири халқи рус, балки барои тамоми халқҳои гӯшаву канори мамлакат, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёна аҳамияти бузург дошт. Дар натиҷаи Б. Р. ҳ. к. ш. О. М. тоҷикон ва халқҳои дигари ин сарзамин тақдири худро бо тақдири халқи кабири рус, пеш аз ҳама синфи коргари он пайвастанд. Халқҳои Осиёи Миёна ба мамлакате ҳамроҳ шуданд, ки дар охири а. 19 — аввали а. 20 маркази ҳаракати революционии ҷаҳон, ватани ленинизм гардида буд. Ин ҳамроҳшавӣ дар инкишофи минбаъдаи таърихии ин халқҳо роли ҳалкунанда бозид.

Халқҳои Осиёи Миёна бо афкори пешқадам ва маданияти демократии халқи рус ва умумиҷаҳонӣ шиносо гардиданд, ба бозори умумироссиягӣ ва ҷаҳонӣ ҷалб карда шуданд. Онҳо дар симои халқи бузурги рус ва пролетариати Россия ҳомӣ ва начотдиҳандаи худро пайдо карданд. Халқи озодфикри рус ва синфи коргари революционии Россия ҳаракати озодиҳоҳии халқҳои Осиёи Миёнаро ба мубориза зулми миллӣ ва ичтимоӣ дастгирӣ мекарданд.

Тағйироти ичтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданиё, ки дар ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна охири а. 19 — аввали а. 20 ба амал омаданд, ба инкишофи афкори ичтимоию сиёсии халқҳои ин сарзамин таъсири калон расонданд. Намояндагони зиёёни пешқадами халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, баъди Б. Р. ҳ. к. ш. О. М. нуқсонҳои сохти ичтимоии мамлакати худро аниқтар дарк карданд, шоҳиди бартарии маданияти дунёвии бар маданияти феодалии клерикали гардиданд. Дар Осиёи Миёна дар ин давра муносибат ба халқи рус, ба Россия ва маданияти он масъалаи муҳимтарин буд, ки фаъолияту эҷодиёти Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ, озодфикрони ибтидои а. 20 мисоли барчастаи ин аст. Ҳамин масъала роҳу мақсадҳои ҷараёнҳои гоявии афкори ичтимоию сиёсии халқҳои тоҷику ӯзбек ва туркманро низ муайян мекард. Решаҳои дӯстии халқҳои Осиёи Миёна ва Россия аз ҳамон давра мустаҳкам шудан гирифт. Таҳқиқи беамонии фаъолияти амир ва дарбори ӯ, нуқсонҳои аморат, таргиби маданияти пешқадами халқи кабири рус, тавачҷӯҳ ба меҳнатканҳои аз хусусиятҳои муҳимтарини фаъолияти маорифпарварони ин давра буданд. Дар натиҷаи Б. Р. ҳ. к. ш. О. М. халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик, ба ҳаракати озодиҳоҳии тамоми халқҳои Россия ҷалб карда шуданд. Ҳаракати миллии озодиҳоҳонаи халқҳои Осиёи Миёна бо ҳаракати революционии пролетариати Россия дар як маҷроии умумӣ ба ҳам муттаҳид гардид. Ин бошад, барои ғалабаи Ҳокимияти Советӣ дар Осиёи Миёна заминаи зарурӣ ба вуҷуд овард. Баъди ғалабаи Рев. Каб. Октябрь республикаҳои Осиёи Миёна ба оилаи халқҳои СССР муттаҳид шуда, ба машъали Шарқ табдил ёфтанд, иқтисодиёт, илм ва маданияти шаклан миллию мазмунан социалистии худро ташкил ва инкишоф доданд.

Ад.: История таджикского народа, т. 2, кн. 2, М., 1964; Казачковский В. А., От феодализма до победы социализма, Д., 1966; Раджабов З. Ш., «О политическом трактате» Ахмади Дониша, Д., 1976.

З. Ш. Раҷабов, Х. Ғадоев.

«БА ҚУЛЛАҲОИ ДОНИШ», газета, органи комитети партияви, ректорат, иттифоқи касаба ва комитети комсомолии Ун-ти давлатии Тоҷикистон. Аз 7 нояб. 1956 ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ҳафтае се бор чоп мешавад. Тиражаш 3000 нусха (1978).

БАБА, Бҳабҳа Ҳоми Ҷаҳонгир (30. 10. 1909, Бамбай — 24. 1. 1966, кӯҳҳои Альп, дар фалокати авиационӣ), физики ҳинд, ташкилотчии илму техникаи атомӣ дар Ҳиндустон. Ун-ти Кембричро хатм кардааст (1930). Раиси Комитети энергияи атомӣ дар Ҳиндустон (1947) ва директори Маркази атомии Трамбей (1957), ки онро ҳуд асос гузошта буд. Асарҳои илмии Б. ба соҳаи физикаи шуоъҳои кайҳонӣ, назарияи *мезонро* ва заррачаҳои спинашон оли оиданд. С. 1937 Б. ҳамроҳи В. Гайтлер назарияи каскадии селиэлектронро (дар шуоъҳои кайҳонӣ) ба вуҷуд овард. Ӯ аввалин шуда нишон дод, ки умри мезони мутаҳаррик назар ба умри мезони ором зиёдтар аст. Б. ходими барчастаи ҷамъияти, раиси конференцияи якуми Женева (1955) бо истифодаи энергияи атомӣ ба мақсадҳои сулҳу осоиш (1955), ҷаниҳ сол раиси Президиуми Иттифоқи Байналхалқии оид ба физикаи назарияви ва амалӣ (IUPAP), аъзои фахрии якчанд академияҳо ва дигар ҷамъиятҳои илмии хориҷӣ буд.

БАБАЕВ Юрий Николаевич (тав. 21. 5. 1928, Москва), физики советӣ, аъзо-корр. АФ СССР (1968). Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1962). Ун-ти давл. Москваро хатм кардааст (1950). Б. дар соҳаи физикаи ядро тадқиқот мебарад. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1959) ва Мукофоти давлатии СССР (1953). Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.

БАБАҶАНЯН Амазасп Хачатурович (18. 2. 1906, деҳаи Чардахлы, ҳозира р-ни Шамхори РСС Озарб.—1. 11. 1977, Москва), Сармаршали қӯшунҳои зиреҳпӯшу танки (1967), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944). Аъзои КПСС аз с. 1928. Аз оилаи деҳқон. С. 1925 ихтиёрӣ ба Армияи Сурх дохил шуда, Мактаби ҳарбии қӯшунҳои пиёдагардро хатм намуд (1929). Иштирокчии ҷанги байни Иттифоқи Советиву Финляндия (1939—40). Аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ командири полк буд (аз июни 1941 то апр. 1942). Аз сент. 1942 командири бригадаи 3-юми механиконидашуда (аз окт. 1943 20-уми гвардияӣ). Барои корнамоии гузаштан аз Днестр Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ шуд. Аз авг. 1944 то май 1945 фармондеҳи корпуси танкии гвардия. Академияи ҳарбии Штаби генералиро хатм намуда (1948), дар вазифаҳои масъули фармондеҳӣ буд. Аз с. 1959 фармондеҳи қӯшунҳои Округи ҳарбии Одесса. С-ҳои 1967—69 сардори Академияи ҳарбии қӯшунҳои зиреҳпӯшу танкии ба номи Маршали Иттифоқи Советӣ Р. Я. Малиновский. Аз май 1969 сардори қӯшунҳои танкӣ. Депутати Советҳои Олии СССР (даъватҳои 6, 7). Бо 4 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, 4 ордени Байраки Сурх, орденҳои Суворов дараҷаи 1-ум, Суворов дараҷаи 2-юм, Кутузов дараҷаи 1-ум, Ҷанги Ватанӣ дараҷаи 1-ум, 2 ордени Ситораи Сурх, ордени «Барои хизмат ба Ватан дар Қуввоҳои Мусаллаҳи СССР» дараҷаи 3-юм, 2 ордени Лӯҳиста ва медалҳо мукофотонида шуд.

БАББИТ, ҳулаҳои антифрикционии дар асоси қалъаи е сурб таиёр шуда. Баъзе навъҳои Б. сурма, мис, никель, марганиш, кадмий, теллур, кальций, натрий, магний ва ғ. доранд. Б-ро с. 1839 И. Баббит (J. Babbitt, ШМА) ихтироъ кардааст. Хусусиятҳои антифрикционии Б. ба туфайли сохти маҳсуси гетерогении он зоҳир мегардад, ки ба мавҷудиятӣ заррачаҳои сахт дар асоси мулоиму пластикии ҳӯла вобастанд. Харорати гудозиши Б. баст (300—440° С) ва корбарди он осон аст. Б-ро барои рехтани подшипникҳои муҳаррики автомобиль, трактор ва ғ. истифода мебаранд.

БАБЁФ (Babeuf) Гракх (Франсуа Ноэль) (23. 11. 1760, Сен-Кантен — 27. 5. 1797), революционери утописти франсавӣ, роҳбари ҳаракати «баҳри баробарӣ» дар даврои *Директория*. С. 1780 ҳукукшинос шуд. Б. нисбат ба сохти феодалӣ хусумати калон дошт. Шиносӣ бо ғояҳои Ж. *Руссо* ва Г. Мабли (баъдтар *Морелли)* Б.-ро ба тарафдори эътимодноки ҷамъияти «баробарии комил» табдил дод. Ҳанӯз с. 1785 пақшаи ба ҷои мулкҳои калон барпо намудани «фермаҳои коллективӣ»-ро тартиб дод. Иштирокчии фаъоли революция дар Пикардия. Дар солҳои минбаъда программаи ҷасуронаи аграрии пурра барҳам додани ҳуқуқҳои феодалиро пешниҳод кард. С. 1793 котиби маъмурияти хӯроквории Коммунаи Париж. Дар рафти революция манфиати синфҳои камбағалро тарафдорӣ мекард. Баҳори с. 1796 роҳбари «Директорияи махфии шӯриш». Дар натиҷаи хиёнати яке аз иштирокчиёни ҳаракати Гризель ҳамаи роҳбарони он, аз ҷумла Б. низ ба ҳабс гирифта шуданд. Б. бо ҳукми суд дар Вандом қатл шуд. Б. ва пайравони ӯ дар сафи саромадони коммунизми илмӣ мақоми намоён доранд.

БАБОЧКИН Борис Андреевич (18. 1. 1904, Саратов — 20. 17. 1975, Москва), актёр ва режиссёри советӣ. Арт. Халқии СССР (1963). Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1974). Аъзои КПСС аз с. 1948. Фаъолияти эҷодиаш аз с. 1921 дар театри Иваново-Вознесенск сар шудааст. Минбаъд дар театрҳои Могилёв, Ленинград, Москва, Воронеж, Самара кор карда, дар драмаҳои публицистӣ, фоҷиавӣ ва лирикӣ маҳорати баланди актёрӣ нишон додааст. Рольҳои намоёнаш: Чацкий («Дод аз дасти ақл»-и А. С. Грибоедов), Самозванец («Борис Годунов»-и А. С. Пушкин), Огнёв («Фронт»-и А. Е. Корнейчук) ва ғ. Аз с. 1927 дар фильмҳо ҳунарнамоӣ кардааст («Исьён», 1929; «Взводи якум», 1939). Офаринишӣ образи Чапаев дар фильми «Чапаев» (1934) ӯро машҳур гардонд. «Дачанишинон»-и М. Горький (1939, Театри Калони драмавии Ленинград), «Иванов»-и А. П. Чехов (1960, Театри Хурди Москва) аз ҷумлаи корҳои беҳтарини режиссёриаш мебошанд. Аз с. 1944 муаллим ва аз 1966 проф. ВГИК буд. С-ҳои 1952—53 саррежиссёри Театри ба номи Пушкини Москва, аз с. 1954 актёр ва режиссёри Театри Хурд буд. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1941, 1951). Бо 3 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БАБР (Panthera tigris), ҳайвони даррандаи бузургчусса, аз оилаи *гурбашаклҳо*. Дарози баданаш то 3 м, думаш то 1,1 м. Вазнаш то 300 кг. Рангаш бештар зарди сурхчатоб буда, раҳҳои сиёҳ дорад. Дар Ҳиндустон Б.-и сафед бо раҳҳои ҷигарию чашми кабуд вомехӯрад. Б. дар Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ, Ҳиндустон, Ҳиндухитой, Африка паҳн шудааст. Дар СССР дар Шарқи Дур (кишв. Приморие) ва баъзан дар Закавазия

ва Осиёи Миёна дида мешавад. Б. дар бешаҳои кӯҳӣ, ҳамвориҳои дарахтҳояш омехтаи каснгузар зиндагӣ карда, гуроз ва оҳу барин ҳайвонҳоро шикор мекунад. Давраи ҳомилагии Б. 95—112 рӯз буда, дар 2—3 сол як маротиба ба вуқӯъ меояд. Б. дар маҳора, ҷойҳои панаҳ 2—4-то бача мегузорад. Б. 40—45 сол умр мебинад. Дар ҷап. Тоҷикистон (дар поёноби д. Вахш) Б.-и тӯронӣ (ниг. расм) вомехӯрд.

БАБУШКИН Иван Васильевич (тахал. партиявиаш Николай Николаевич, Богдан, Новицкая ва ғ.) (3. 1. 1873, деҳаи Ледени уезди Тотеми губ. Вологда — 18. 1. 1906), революционери касбӣ, большевик. Аз оилаи деҳқон. С. 1887 шогирди челонгар дар Кронштадт, 1891 челонгари 3-ди Семянникови Петербург. С. 1894 дар кружоки марксистии коргарӣ таҳти роҳбарии В. И. Ленин дарс меомӯхт. С. 1895 дар кори ташкилоти «Иттифоқи мубориза барои озод кардани синфи коргар»-и Петербург фаъолона иштирок кард. Янв. 1896 аз рӯи кори «Иттифоқи мубориза» ҳабс ва февр. 1897 ба Екатеринослав бадарға шуд. Окт. 1898 дар он ҷо комитети РСДРП барпо кард. Б. агенти «Искра»-и ленинӣ ва мухбири фаъоли он буд. С-ҳои 1900—01 дар Москва, Смоленск, Полоцк, Орехово-Зуево, Иваново-Вознесенск ва диг. шаҳрҳо кори революционӣ мебурд. С. 1902 аз маҳбаси Екатеринослав гурехта, ба Лондон рафт ва окт. худи ҳамон сол ба Россия баргашт. С. 1903 Б.-ро ҳабс ва ба муддати 5 сол ба Верхоянск бадарға карданд. С. 1905 Б. мувофиқи афви умумӣ озод шуда, дар Рев. 1905—07 фаъолона

иштирок кард. Аъзои ҳайати комитетҳои Иркутск ва Читаи РСДРП буд. Янв. 1906 ҳангоми аз Чита ба Иркутск барои коргарон яроқу аслиҳа овардан дастгир гардида, парронда шуд. В. И. Ленин Б.-ро қаҳрамони халқ, ифтихори партияи большевикӣ номидааст.

БАВОСИР, геморрой, уқдашакл (гиреҳшакл) васеъшавии венаҳои рӯдаи рост бештар дар қисми мақъад. Уқдаҳои Б. берунӣ ва даруньӣ мешаванд. Ба Б. бештар одамони миёнсол (мардон нисбат ба занон 3 баробар зиёдтар) гирифтор мешаванд. Ба инкишофи Б. омилҳои баландкунандаи фишор ва зиёдкунандаи шаҳшавии хун дар венаҳои коси хурд ва рӯдаи рост (қабзияти музмин, ҳангоми кор дуру дароз нишастан, омоси кос, алкоголизм, цирроз ҷигар; дар занон нодуруст ҷойгиршавии бачадон, ҳомилагӣ ва ғ.) боис мегардад. Нуқси ирсӣ ва модарзодии сохти вена ҳам аҳамияти махсус дорад. Дар натиҷаи Б. дар мақъад хоришу сӯзиш ва дард пайдо мешавад. Ҳангоми наҷосаткунӣ ё зӯрзанӣ уқдаҳо аз мақъад мебароянд; минбаъд ҳангоми роҳгардӣ ҳам чунин ҳодиса рӯй медиҳад. Яке аз аломатҳои зоҳирии Б. аз уқдаҳо хунравӣ аст, ки дар натиҷаи он камхунӣ сар мезанад.

Муолиҷа: бартараф намудани сабабҳои беморӣ, ҳангоми қабзият дорухои нармкунанда додан ё имола (клизма) кардан, парҳез, дар ҳолатҳои шиддати беморӣ — амали ҷарроҳӣ. Пешгирӣ: рафъи қабзият, арақ нанӯшидан, хӯроки сахт ва тунд нахӯрдан, варзиши муолиҷавӣ.

БАГА, аз шаҳрҳои қадимтарин дар вил. *Истравшан*. Дар давраи истилои Искандар вуҷуд доштааст. Дар бораи худи Б. маълумоте боқӣ намондааст. Одатан Б.-ро ба шаҳри асримиёнагии Вагкат ё Фагкат, ки дар назди Ӯротеппа (ҳоло қиш. Вогат) воқеъ буд, айният медиҳанд.

Ад.: Негматов Н. Н., Уструшана в древности и раннем средневековье, Сталинабад, 1957. *Н. Неъматов.*

БАГАМ, Ҷазираҳои Багам (Bahama Islands), аз 10 июли 1973 давлати мустақил дар *Вест-Индия*. Дар ҳайати Иттиҳодияи Британияи Кабир дохил аст. Дар галаҷаз. Багам воқеъ гардида, тахминан аз 700 ҷаз. иборат аст. Калонтарини онҳо: Андрос, Абакои Калон, Багами Калон ва Инагуаи Калон. Масоҳ. 13,86 ҳаз. км². Аҳолӣ 203,9 ҳаз. наф. (1975). Пойтахташ ш. Нассо (дар ҷаз. Нью-Провиденс). Мувофиқи конституция сардори давлат — маликаи Британияи Кабир; намояндаи он дар Б. генерал-губернатор мебошад. Органи қонунбарор — парламент. Он аз сенат (16 аъзо, ки генерал-губернатор таъин мекунад) ва палатаи маҷлис (38 аъзо, ки ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешаванд), иборат аст. Июли 1973 Б. ба аъзогии ТДМ қабул карда шуд.

Табиат. Ҷаз-ҳои Б. асосан аз оҳаксанги марҷони таркиб ёфта, сатҳашон ҳамвор аст. Иқлимаш тропикии пассатист; давраи боронгари аз май то окт. Боришоти солона 1100—1600 мм, тез-тез тӯфон рӯй медиҳад. Дарьёҳо хеле кам, кӯлҳои шӯр бисьёранд. Хокаш сурхтоби латериті. Буттазорҳои серхори ҳамешасабз бештар буда, қисми зиёди майдонро бешаҳои санавбар ишғол кардаанд. Дар ҷазҳои Андрос ва Абако ҷангалҳои ҳамешасабзи тропикӣ дар соҳилҳо — чакалаки порчил вомехӯранд.

Аҳолӣ. Аҳолии ҷаз-ҳои Б. багамиҳоанд (85% зангиҳо ва дурагаҳо). Аҷдодони багамиҳо ба қабилаҳои гуногуни Африка мансуб буда, онҳоро аз он ҷо мустамликадорони англис дар а-ҳои 17—19 овардаанд. Қисми боқимондаи аҳолӣ — англисҳо, юнониҳо ва г. Забони расмӣ — англисӣ. Аксарияти диндорон католиканд.

Иқтисодиёт. Дар иқтисодиёти ҷаз-ҳои Б. зироат роли асосӣ мебозад. Майдони кишт — 16 ҳаз. га. Асосан ананас, помидор, картошка, сизаль ва мева парвариш мекунанд. Моҳидорӣ ривоҷ ёфтааст.

Саноат суст тараққӣ кардааст. З-дҳои софкории нефть, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва цемент мавҷуданд. Бисьёр соҳаҳои иқтисодиёт дар зери назорати капитали хориҷӣ мебошад. С. 1975 экспорт 2216,1 ва импорт 2482,1 млн доллари багамиро ташкил дод. Дар савдо шарикони асосии Б. ШМА, мамлакатҳои Шарқи Араб, Нигерия ва Британияи Кабир мебошанд. Ҷаз-ҳои Б. яке аз марказҳои туризми байналхалқиист. С. 1973 даромади валюта аз туризм ба 260 млн доллари америкоӣ расид. Воҳиди пул — доллари багамӣ, он ба 1 долл. ШМА баробар аст (1977).

Партияҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба. Партияи прогрессивии либералӣ, партияи ҳукмрон, с. 1953 таъсис ёфтааст, Партияи ҳаракати озоди миллӣ, с. 1971 таъсис ёфтааст. Федерацияи иттифоқҳои касабаи Багам.

БАГАУДҲО (лот. Bagaudae, кельти baga — муборизаи), ишторокчиёни ҳаракати озодихоҳии халқӣ дар Галлия ва Испанияи Шимолӣ дар а-ҳои 3—5. Б. аз деҳқонони камбағал, майдакосибон, колонҳои мутеъ ва гуломони гуреза иборат буданд. Шӯриши Б. с-ҳои 283—285 (е 269—270) оғоз ёфт ва нишонаи таназзули ҷамъияти гуломдорӣ ва давлати Рим буд. Шӯриш районҳои бешазори байни д-ҳои Сена ва Луараро фаро гирифт. Сарварони Б. Аманд ва Элиан император эълон шуда, аз деҳқонон ва чӯпонон армияи пиёдаю савора ташкил доданд. Ҳаракати Б.-ро римиён пахш карданд, вале с. 408 аз нав авҷ гирифт. С-ҳои 435—447 шӯриш шим. ғарбии Галлия ва миёнаи а. 5 шим. Испанияро фаро гирифт, аммо қӯшунҳои Рим ва вестготҳо онро пахш намуданд.

БАГРАМЯН Иван Христофорович (тав. 2. 12. 1897, Елизаветполь, ҳоло Кировободи РСС Озарб.), Маршали Иттифоқи Советӣ (1955), ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944, 1977). Аъзои КПСС аз с. 1941. Аз оилаи коргар. Аз с. 1915 дар сафи армия. Иштирокчии Ҷанги граждани. С. 1917 мактаби прапорщикӣ, 1934 Академияи ҳарбии ба номи Фрунзе ва 1938 Академияи Штаби генералиро хатм намуд. Дар аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ сардори шӯъбаи оперативии штаби фронт ва баъд сардори штаби Фронти Ҷан. Ғарбӣ, аз июли 1942 фармондеҳи армия, аз нояб. 1943 фармондеҳи қӯшунҳои Фронти 1-уми Назди Балтика, аз апр. 1945 фармондеҳи қӯшунҳои Фронти 3-юми Белоруссия буд. Баъди ҷанг фармондеҳи қӯшунҳои Округи ҳарбии Назди Балтика, аз с. 1954 саринспектори Вазорати мудофиа, ҷонишини вазири мудофиа, с-ҳои 1956—58 сардори Академияи ҳарбии Штаби генерали, 1958 ҷонишини вазири мудофиа, сардори ақиббгоҳи қувваҳои мусаллаҳ, аз апр. 1968 инспектори генералии Гурӯҳи инспекторони генерали. Аз с. 1952 номзад ба аъзоии КМ КПСС, аз с. 1961 аъзои КМ КПСС. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 2—7). Бо 7 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, 3 ордени Байраки Сурх, 2 ордени Суворов дараҷаи 1-ум, ордени Кутузов дараҷаи 1-ум ва диг. ордену медальҳо, яроки фахрӣ ва ордену медальҳои мамлакатҳои хориҷӣ мукофотонида шудааст.

БАГРАТИОН Пётр Иванович (1765—24. 9. 1812), генерали рус. ҳаромаи Ҷанги ватанӣ с. 1812. Аз оилаи полковник, аз авлоди князҳои қадимии гурҷӣ. Хизмати ҳарбиро с. 1782 дар Кавказ сар кард. Дар юришҳои А. В. Суворов ба Италия ва Швейцария (1799) фармондеҳи лашкари авангард буд. Дар ҷанги Россия бо Франция (1806—07) ба арьергарди армияи рус сардорӣ кард. Дар ҷанги русҳову шведҳо (1808—09) фармондеҳи дивизия ва дар ҷанги русҳову туркҳо (1810) фармондеҳи армия буд. Барои маҳорат ва шуҷоати ҷанги ба у рутбаи генераллейтенант ва баъди ҷанги шведгенерали инфантерия (қӯшуни пиёдагард) доданд. Дар Ҷанги ватанӣ 1812 дар муҳорибаи Бородино ба армия фармондеҳи кард. Дар ҳамин муҳориба сахт ярадор шуда, дар деҳаи Симы губ. Владимирск вафот кард. С. 1839 турбати ӯ ба майдони Бородино оварда шуд.

БАГРИЦКИЙ (тахал., фам. асл. Дзюбин) Эдуард Георгиевич (3. 11. 1895, Одесса—16. 2. 1934, Москва), шоири советии рус. Асарҳояш аз с. 1915 чоп шудаанд. Дар шеърҳои лирикӣ ва достонҳои давраи аввали эҷодиёташ образҳои романтикии одамони шуҷоъ ва озодидӯстро офаридааст. С. 1926 достони «Чакома дар васфи Опанас»-ро навишт, ки ба мавзӯи ҷанги граждани дар Украина бахшида шудааст. Дар маҷмӯаи «Голибон» (1932) Б. бинокорони дунёи павро васф намуда авҷ гирифтани муборизаи зиддиҳаётӣ мещаниро нишон додааст. Дар маҷмӯаи «Шаби охирин» (1932), ки ба он достонҳои «Шаби охирин», «Одами музофотӣ», «Марги пионерка» дохил шудаанд, шоир робитаи наслҳои революционериро намоиш додааст. Осори Б. ба тараққиёти назми советӣ таъсири намоён гузоштааст.

БАГРОМ بگرام димнаи бостонӣ, яке аз марказҳои нахустини маданияти эллини дар Афғонистон. Дар масофаи 60 км шимолтари Кобул дар доманаи к. Ҳиндукуш воқеъ аст. Дар ибтидои милод аз Б. роҳи тиҷорати мегузашт, ки Синд, Бохтар, Антиохия, Сурия, Юнон, Рим ва Эронро бо ҳам мепайваст. Хафриёти Б. се қабати маданиро археологиро муайян кард: 1) а. 1 то м., 2) а-ҳои 1—3 м., 3) охири а 3—ибтидои а 4. Б. аз рӯи нақшаи муайян бино шудааст, деворӣ шаҳр бурҷҳои росткунча дорад. Зоҳиран ба истеҳкоми ҳарбии қалъаи Кайқубодшоҳ (Қаҳодиён) шабоҳат дорад. Аз фарши ду хонаи Б. ҳаргуна осори санъати нафиса ёфт шуд, ки ҳоло дар зери лавҳаи «Ганҷинаҳои Багром» дар музеи Кобул намоиш дода мешавад. *А. Мирбобоев*

БАДАЕВ Алексей Егорович (4. 2. 1883, деҳаи Юрьево, губ. Орлов — 3. 11. 1951, Москва), ходими давлати ва партияи Аъзои КПСС аз с. 1904. Аз оилаи деҳқони камбағал. Дар З-ди Александровскии Петербург ва устохонаҳои калони вагонсозии Николаев ҷеҳонгар буд. С. 1912 депутати Думаи 4-уми давлати, аъзои фракцияи большевикии ин дума. Иштирокчии маҷ-

лисҳои КМ РСДРП бо коркунони партиявӣ дар Краков ва Поронино (1913). Аъзои Комитети Петербург ва бюрои КМ РСДРП оид ба Россия (1913—14). Бо таклифи В. И. Ленин нашри расмии «Правда». Иштирокчии шӯриши яроқнок дар Петроград. Аз с. 1930 раиси Центросоюз, Иттифоқи ҷамъияти матлуботи Москва, ҷонишини раиси Комитети Москва. Аъзои КИМ СССР. С-ҳои 1938—43 раиси Президиуми Совети Олии РСФСР ва ҷонишини раиси Президиуми Совети Олии СССР. Аз с. 1943 аъзои коллегияи Вазорати саноати озуқаи СССР. Дар съездҳои 14—18 аъзои КМ интихоб шуд. Муаллифи китоби «Большевикон дар Думаи давлатӣ. Ёддоштҳо» (1929). Бо 2 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

БАДАЛИ НАСЛ, 1) дар растанӣ — бадалшавӣ дар цикли ҳаётии инкишофи ду насл: гайричинсӣ *(спорофит)* ба ҷинсӣ *(гаметофит)*. Б. н. бештар ба растаниҳои дараҷаи олӣ хос аст (дар байни растаниҳои дараҷаи паст танҳо дар баъзе обсабзҳо муайян карда шудааст). Б. н. дар сархасу чилбанд ва мунмунаҳо бештар дида мешавад.

2) Дар ҳайвонот (аз бемӯҳраҳо дар исфанҷ, рӯдаковокҳо, кирм ва ғ., аз мӯҳрадорон дар сальпҳо) — муттасил бадалшавии насли намуди муайян, ки онҳо аз ҷиҳати морфологӣ, физиологӣ ва бештар бо тарзи афзоиш аз ҳамдигар фарқ мекунанд, мас., дар полипҳои гидрашакл насли ғайричинсии онҳо полипҳо буда, насли ҷинсиашон медузаҳоанд. Ду типи Б. н.-и ҳайвонот *гетерогония* ва *метагенез* маълум аст. Б. н. ба паҳн шудани организмҳо ёрӣ мерасонад.

БАДАРҒА, аз маҳалли истиқомат маҷбуран дур намудани маҳкум. Б. мувофиқи қонуни ҷиноятии советӣ яке аз намудҳои ҷазо буда, дар ҳаққи маҳкумоне татбиқ мегардад, ки суд зиндагӣ кардани онҳоро дар ҷои истиқоматашон барои ҷамъият хатарнок медонад. Б. ду хел мешавад: 1) бадарга ба ҷои муайян ва 2) бадарга аз ҷои муайян. Б. ба ҷои муайян аз он иборат аст, ки маҳкум аз ҷои истиқоматаш ронда шуда, ҳатман ба ҷои муайян кӯчонда мешавад. Б. аз ҷои муайян аз он иборат аст, ки маҳкум, аз ҷои истиқоматаш ронда шуда, истиқомат кардан дар ҷойҳои муайян ба вай манъ карда мешавад. Б. ба ҷои муайян ва Б. аз ҷои муайянро ба сифати ҳам ҷазои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ ба муддати аз 2 то 5 сол таъин кардан мумкин аст. Б. ба ҷои муайян ва Б. аз ҷои муайян дар ҳаққи касоне, ки то содир кардани ҷиноят 18-сола нашудаанд, татбиқ карда намешавад. Б. ба ҷои муайян ба занони ҳомила ва заноне, ки дар нигоҳубини худ фарзанди то синни 8-сола доранд, низ татбиқ карда намешавад. Тартиб, ҷой ва шароити адо кардани мӯҳлати Б. ба ҷои муайян, инчунин тартиб ва шароити Б. аз ҷои муайян бо қонунҳои СССР ва РСС Тоҷ. муқаррар карда мешавад (мод. 25 КҶ РСС Тоҷ.).

БАДАХШО́Н, кишварест дар болооби д. Панҷ. Б. аз ду қисм иборат: Вил. Автономии Бадахшони Кӯҳӣ дар Помири Ғарбӣ (РСС Тоҷ.) ва вил. Бадахшон дар шим. ғарби Афғонистон. С. 1872 мувофиқи созишномаи Россияю Англия д. Панҷ сарҳади байни аморати Бухоро ва Афғонистон муайян карда шуд. С. 1873 қисми кӯҳии Б. ихтиёран ба Россия ҳамроҳ шуд ва музофоти ҳозираи Б. бо пойтахташ Файзобод дар ҳайати Афғонистон монд. Ниг. низ *Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ* ва *Афғонистон.*

Ад.: Искандаров Б. И., Из истории дореволюционного Таджикистана, Д., 1974. *Б. Искандаров.*

«БАДАХШО́НИ СОВЕТӢ», газета, органи комитети вил. Бадахшони Кӯҳии ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои халқии ВАБК. Аз с. 1931 нашр мешавад. Бо тиражи 11500 (1978) нусха ҳафтае се маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебарояд. Аввал «Бадахшони Сурх» ном дошт. Аз 1 мои 1955 газета «Б. С.» ном гирифт.

БАДАХШИ بدخشی Мавлоно Муҳаммад (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири охири а. 15 ва аввали а. 16-и форсҷоик. Зодгоҳаш Ишкамиши Бадахшон. Б. барои такмили илм ба Ҳирот рафта ба маҳфили Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ дохил шудааст. Ҷомӣ ва Навоӣ қайд кардаанд, ки Б. шоири хушбаҳ ва дар муаммо моҳир аст. Рисолаи Б. ба унвони «Зобитаи ҳалли муаммо» машҳур буда, он дар а. 16 аз тарафи Муҳаммадалӣ ном шахс шарҳ ёфтааст. *Восифӣ* дар *«Бадоеъ-ул-вақоеъ»* Б.-ро ёд кардааст. Аз қитъаи таъриҳи ба муносибати ҷулуси Шайбонихон гуфтаи В. маълум мегардад, ки ӯ то с. 1501 дар ҳаёт будааст. *А. Абибов.*

БАДАХШӢ بدخشی Мулло Камол (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 15 форс-тоҷик. Б. дар Самарқанд таҳсили илм карда дар шоирӣ шӯҳрат ёфтааст. Баъдтар ба дарбори Улуғбек кашида шуда то ба дараҷаи маликушшуароӣ расидааст. Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» менависад, ки Б. шоири хуб буда, Мирзо Улуғбек ба ӯ илтифот доштааст. Б. дар илми муаммо рисолае навиштааст, ки ҳоло мавҷуд аст. Дар баъзе баёзҳо намунаи ашъораш дучор меояд.

Ад.: Абибов А., Ганҷи Бадахшон, Д., 1972. *А. Абибов.*

БАДЕИЯТ (аз *бадеъ*), категорияи эстетикӣ; хусусияти асосии санъат, ки онро аз диг. шаклҳои инъикоси ҳаёт ва идроки он (мас., илм) фарқ мекунонад; мизони камолоти асари санъат, дараҷаи таъсири ҳаяҷонбахши эстетикии асари санъат ба одамон, ки қимати иҷтимоӣ-эстетикии асарро муайян мекунад. Б. маҷмӯи сифатҳои хоси асари санъат (амиқӣ ва беназирии фикри асосӣ, мукаммалии шаклҳои ифодаи он, саҳеҳии сохт, пардози ҷузъиёти асари бадеӣ ва ғ.) мебошад, ки муаллиф ба ҳадди камолот расондааст. Б.-и асар ба ҷаҳонбинӣ, методи адабӣ ва маҳорати офарандаи он вобаста аст. Шарти зарурии Б.-и асар ягонагии мазмун ва шакл мебошад. Мавзӯи муҳим, мазмуни ҳаётӣ, образҳои бадеии тоза, характерҳои типӣ, ғояи неки асар, идеали иҷтимоии зебои эҷодкор, маҳорат ва санъати он дараҷаи баланди бадеияти асарро таъмин менамояд. Риоя накардани ҳақиқати бадеӣ сабаби таҳрифи Б. ва пайдо шудани асарҳои декларативӣ, иллюстративӣ мегардад. Гоҳо дар адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ ба ҷои Б. истилоҳи шеъриятро ҳам ба кор мебаранд.

Ф. Турсунзода, А. Сатторов.

БАДЕ́Ъ (ар. بديع — нав, аҷиб, нодир), илми бадеъ ё санъатҳои бадеӣ, яке аз илмҳои сегонаи адабӣ (арӯз, қофия, бадеъ) дар назарияи адабиёти классикии форс-тоҷик, ки фасеҳ ва зебову пурмазмун гардидани суханро таълим медиҳад. Тамоми санъатҳои бадеие, ки дар адабиёти тореволюционӣ буд ва бештарашон дар адабиёти советии тоҷик низ ба кор бурда мешаванд, ба ин фан дохил мегарданд. Б. аз хусусиятҳои асосии осори адабиёти нафиса буда, маҳз ба ин васила маҷмӯи ин осор адабиёти бадеӣ ном гирифтааст.

Адабиётшиносони гузашта Б. (санъатҳои бадеӣ)-ро ба се гурӯҳ тақсим кардаанд: 1) маънавӣ; 2) лафзӣ; 3) муштарак.

Санъатҳои маънавӣ *(ташбеҳ, маҷоз, киноя, истиора, ташхис, муболиға* ва ғ.) образ ба вуҷуд меоваранд, бинобарин, ин қабил санъатҳоро «образҳои шеърӣ», «тасвирҳои шоирона» низ меноманд. Дар ин байти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ:

Бихандад лола бар сахро ба сони
чеҳраи Лайло,
Бигирьяд абр бар гардун ба сони
дидаи Маҷнун

ба василаи ташхису киноя (хандаи лолаю гирьяи абр), ташбеҳ (мисли чеҳраю дида), талмеҳ (Лайлову Маҷнун) ва ғ. мазмуни байт муассиру дилпазир баён шудааст.

Санъатҳои лафзӣ *(мураддаф, мувозана, тарсеъ, саҷъ* ва ғ.) барои таъкиди матлаби асосӣ, махсусан нишон додани задаи мантиқии ҷумла, байт (ё банд) ва равону латиф баён шудани сухан хизмат мекунанд. Дар байти боло мувозана (бихандад—бигирьяд, лола—абр, сахро—гардун, чеҳра—дида, Лайло—Маҷнун), саҷъ (сахро—Лайло, гардун — Маҷнун) ва ғ. боиси афзудани таъсири эмоционалӣ ва ҳусну таровати шеър гардидаанд.

Санъатҳои муштарак (таҷнис, мурооти назир, тансиқуссифот ва ғ.) асосан барои таъкиди мақсади асосӣ меоянд ва гоҳе образ ҳам месозанд.

Дар байти:

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар-

таъбири «сар додан», ки ду бор такрор шудааст, таҷнис аст: дар аввали мисраъ ба маъноии «худро ба куштан додан» ва дар охири он ба маъноии «ҳаҳо накардан» омадааст.

Б. аз нишондиҳандаҳои муҳимми қонуни мазмуну шакл буда, дар суроти дуруст, бамавқеъ, мувофиқи таъаби мавзӯъ ва ғоя кор фармуда шудани он ягонагии мазмуну шакл ҳосил мешавад. Дар акси ҳол қонуни таносуб вайрон шуда, шаклпарастӣ рӯй медиҳад. Бинобарин, адибони зардасти ҳамаи давраҳо ба Б. эътибори ҷиддӣ дода, ин таносубро риоя кардаанд. Вале адибони шаклпараст ба ҳусну шакли зоҳирии сухан диққати бештаре дода аз санъатҳои лафзӣ суиистифода мекарданд, ки дар ин сурат осори онҳо аз қимати ғоявию эстетикӣ маҳрум мегардид. Намунаи олии созгори мундарича истифода шудани Б.-ро дар эҷодиёти Рӯдакӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Сайидо, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва диг. устодони адабиёти гузашта ва ҳозира дидан мумкин аст. Чӣ навъ, кай, дар куҷо истеъмол шудани навъҳои Б. ба мавзӯъ, предмети тасвир, замону макони воқеа, моҳияти образ, методи эҷодӣ, ҷинсу жанри асари бадеӣ ва ғ. вобаста аст. Адабиётшиносони пешинаи мо ба санъати сухан эътибори ҷиддӣ дода, дар ин боб асарҳои назарию амалии зиёде таснифкардааند, ки *«Таржумон-ул-балоғат»*-и Родуёнӣ, *«Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и* Рашиди Ватвот, *«Ал-мӯъҷамъ»*-и Шамси Қайси Розӣ, *«Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ»*-и Шарафуддини Ромӣ, *«Бадоеъ-ул-саноеъ»*-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ *«Ҷамъи мухтасар»*-и Ваҳиди Табрезӣ, *«Маҷмаъ-ус-саноеъ»*-и Сиддиқӣ ва ғ. аз ҷумлаи онҳоянд. Баъзе шоирону пасрнависони забардаст низ дар ин боб асарҳое навиштааند, чун *«Эҷози хисравӣ»*-и Хисрави Деҳлавӣ ва *«Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ил-ашъор»*-и Ҳусайни Воизи Кошифӣ, ки дастури амаланд.

Ад.: Зеҳнӣ Т., Санъати сухан, Д., 1967. *Р. Мусулмонқулов.*

БАДЕЪИ ТАБРЕЗӢ بدیع تبریزی Манучеҳр (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 14 форс-тоҷик. Аз оилаи тоҷир. Б. Т. с. 1392 ҳамроҳи падараш барои тиҷорат ба хоки Рум сафар мекунад. Пас аз вафоти падар Б. Т. ба Язд баргашта ба таълифу таҳрир машғул мешавад. Ғайр аз ашъори гуногун аз Б .Т. рисолае дар ҳалли муаммо ва китобе бо унвони «Муҳаббатнома» боқӣ мондааст, ки мазмуни тасаввуфӣ дорад. Ин китоб бо номи «Анис-ул-орифин» низ маъруф аст. Б. Т. аз шогирдони Камоли Хуҷандӣ буд. *У. Яҳъёев.*

БАДЕЪУЗЗАМОНИ НАТАНЗӢ بدیع الزمان نطنزی (с. тав. номаълум — ваф. 1103), адиб ва луғатнависи форс-тоҷик. Аслан аз мардуми Натанз буда, зиндагиаш дар Исфаҳон гузаштааст. Б. Н. тамоми умри худро ба муаллимию омӯзгорӣ сарф карда, осорашро ба форсию арабӣ баробар менигоштааст. Аз ин сабаб ба лақаби Зуллисонайн (соҳиби ду забон) ва Зулбаёнайн (нигоранда ба ду забон) шӯҳрат доштааст. Аз Б. Н. таълифоти муҳимме боқӣ мондааст, ки «Китоб-ул-халосӣ» (дар боби адабиёт) ва «Дастур-ул-луга»-ю «Китоб-ул-мирқот» (ҳар ду дар луғати арабӣ ба форсӣ) аз он ҷумлаанд. Дар сурудани шеъри маснӯъ низ соҳибҳунар буда, аз мероси манзумаш танҳо чанд китъа боқӣ мондааст.

Ад.: سعید نفیسی، تاریخ نظم و نثر در ایران و در زبان فارسی، تهران، ۱۳۴۴ ه. ش.

У. Яҳъёев.

БАДЕЪУЗЗАМОНИ ФУРӮЗОНФАР بدیع الزمان فروزانفر (1900, деҳаи Бишрӯяи Хуросон — 1971, Теҳрон), шоир ва адабиётшиноси эронӣ. Дар Машҳад таҳсили илм карда, с. 1923 ба Теҳрон рафта ва ба такмили донишкӯшидааст. Аввалҳо дар донишкадаҳои гуногун муаллим ва баъди ташкили донишгоҳи (ун-ти) Теҳрон устод (проф.)-и он буд. Б. Ф. аз ҷумлаи аввалин аъзои Фарҳангистон (Академия)-и улуми Эрон, инчунин узви Шӯрои олии маориф, узви Маҷлиси Сенат буд. Солҳои охири умраш вазифаи раиси Китобхонаи салтанатии Эронро адо мекард. Б. Ф. дар давоми фаъолияти худ 20 китоб ва мақолаҳои зиёди илмии тадқиқӣ ба табъ расондааст. Аз ҷумлаи муҳимтарин тадқиқоте, ки Б. Ф. донр ба адабиёти форс-тоҷик анҷом додааст, «Сухан ва суханварон» (ҷ. 1—2, 1930—33), «Таъриҳи адабиёти Эрон», «Рисола дар таҳқиқи аҳвол ва зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддини Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ» (нашри 2, 1954), «Хулосаи «Маснавӣ» (1942—43), «Маохизи қисас ва тамсилоти «Маснавӣ»», «Матни интиқодии куллиёти Шамс ё Девони кабир», «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф» ва як силсила мақолаҳоро метавон ном бурд. Девони ашъори Б. Ф. (номатбӯъ), ки дорои 20 000 байт аст, қариб ҳамаи баҳрҳои арӯзро дарбар мегирад. Аммо бузургтарин хидмати Б. Ф. тадқиқоти доманадори эҷодиёти Ҷалолуддини Румӣ мебошад. Б. Ф. с. 1968 ба СССР омада, дар ҷашни 550-солагии Ҷомӣ (дар Душанбе) иштирок карда буд. *К. Айнӣ.*

БАДЕЪУЗЗАМОНИ ҲАМАДОНӢ بدیع الزمان الهمدانی Абулфазл Аҳмад ибни Ҳусайн (969, Ҳамадон — 1007, Ҳирот), адиби эронинажоди араб. Дар Ҳамадон таҳсили илм карда, бисьёр шаҳрҳои Эрон ва Осиёи Миёнаро дидааст. Солҳои охири умраш дар Ҳирот гузаштааст. Б. Ҳ. дар адабиёти араб асосгузори жанри адабии *мақома* мебошад. То замони мо 51 мақомаи Б. Ҳ. расидааст, ки мавзӯъ ва масъалаҳои гуногунро дарбар мегиранд. Қаҳрамони асосии мақомаҳо савдогар Исо ибни Ҳишом ва қаландар Абулфатҳи Искандарианд. Дар мақомаҳои Б. Ҳ. воқеаҳо одатан аз забони Исо нақл ёфта, бештар масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Б. Ҳ. мактубҳои зиёде дорад, ки дар давраҳои мухталифи зиндагӣ ба одамони гуногун (аз ҷумла ба Абӯбакри Хоразмӣ ва Ибни Мискавейҳ) навиштааст. Саолибӣ дар «Ятимат-уд-даҳр» аз ашъори Б. Ҳ. намунаҳо овардааст. *А. Аҳмадҷонзода.*

БАДЕӢ بدیعی Мавлоно Юсуф (с. тав. номаълум — ваф. 1485, Сарахс), адиби форс-тоҷик. Аслан аз Андиҷон буда, дар Самарқанд касби камол кардааст. Бо Алишери Навоӣ шиносо шуда, дар замони салтанати Ҳусайни Бойқаро (1469—1506) ба Ҳирот рафта, ба ҳалқаи наздикони Навоӣ ворид мешавад. Б. аз ҷумлаи шахсони бомаърифати замон буда, хусусан дар арӯз, бадеъ ва муаммо устоди комил будааст. Дар баёни қоидаҳои муаммо рисолае таълиф кардааст. Мувофиқи гуфтаи Навоӣ қабраш дар хонақои Шайх Нӯъмон будааст. *А. Сатторов.*

БАДЕӢ بدیعی Муҳаммад ибни Маҳмуди Балхӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири охири а. 10 ва аввали а. 11 форс-тоҷик. Муосири Мунҷик ва *Дақиқӣ* буда дар аҳди Чагониён ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (998—1030) зиндагӣ ва эҷод кардааст. Аз осори Б. танҳо «Пандномаи Анӯшервон», ки аз 200 байт иборат аст, боқӣ мондааст. Асли ин манзума ба забони паҳлавӣ буда, гарҷумаи мансури тоҷикии онро, ки «Зафарнома» унвон дорад, ба *Ибни Сино* нисбат додаанд. *М. Муллоаҳмадов*

БАДЕҲА (ар. بدیهه — он чи бадоҳатан гуфта мешавад), шеъре, ки бе тайёрии махсус суруда мешавад. Дар эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик як намуди суруди лирикӣ. Б. дар вазнҳои гуногуни ҳиҷо ва арӯз гуфта шуда, аз 16 то 30 мисраъро дар бар мегирад ва дар маъракаҳои хурсандӣ аз тарафи ду кас (зану мард) суруда мешавад. Аксарияти Б.-ҳои халқӣ хусусияти ҳаҷвӣ доранд ва мочароҳои ҳазломези ошиқу маъшуқ, духтару падар (ё модар), бобову набера, зану шавҳарро акс мекунанд. Б.-ҳо ба туфайли мазмуни муҳимми ҳаётӣ ва оҳанги шӯҳашон дар барномаҳои концертии театрҳои халқӣ ва профессионалии республика мавқеи устувор ишғол кардаанд. Баъзе Б.-ҳои машҳур дар ичрои ҳофизони халқӣ ва сароянда гони касбӣ ба қартаи граммофон сабт гардидаанд.

Ад.: Амонов Р., Лирикаи халқии тоҷик, Д., 1968 *Р. Амонов.*

БАДМИНТОН (аз Badminton — номи шаҳрчае дар Англия), бозии спортӣ бо ракетка ва волан (тӯбчаи пардор). Б.-ро дар майдони 13,4 × 5,2 м (як ба як) ё 13,4 × 6,1 м (ҷуфт-ҷуфт) аз болои тӯре, ки дар баландии

155 см кашида мешавад, мебозанд. Ракеткааш нисбат ба ракеткаи *теннис* сабук, вале хеле эластикӣ аст. Мақсади бозӣ: ба тарафи худ афтидани воланро нагузошта, ба майдони ҳариф зада афтондани он. Ҳисоб то 15 хол расонида мешавад (занон ва бачаҳо то 11 хол бозӣ мекунанд). Бозӣ аз 3—5 даст иборат аст. Аз с. 1963 дар Тоҷикистон федерацияи Б. вуҷуд дорад. Аз с. 1974 мунтазам чемпионати республика гузаронида мешавад. *Н. Турсунов.*

«БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР ФӢ САНОЕЪ-ИЛ-АШЪОР» بدایع الافکار فی صنایع الاشعار асари Ҳусайни Воизи Кошифист дар боби санъатҳои бадеӣ ва нақди шеър. Китоб аз муқаддима, ду боб ва хотима иборат аст. Дар муқаддима таърифи шеър, навъҳо ва қисмҳои он баён шудааст. Боби якум аз шарҳу баёни қариб 200 навъи санъатҳои бадеӣ иборат; боби дуюм нақди шеър (як шакли танқиди адабӣ)-ро дарбар гирифтааст. Хотима иборат аст аз баёни мухтасари илми қофия. Муаллиф оид ба таснифи навъҳои адабӣ ва шарҳи қисмҳои таркибии ин навъҳо нисбат ба таълифоти адабиётшиносони гузашта фикрҳои тозае баён кардааст. Кошифӣ дар боби нақди адабӣ ақидаҳои Шамси Қайс-ро ривоҷ додааст. Асари Кошифӣ қимати илмӣ ва амалӣ дорад. Матни китоб ба табъ нарасидааст; нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои Тошкент, Кембриҷ (Англия) ва Париж маҳфузанд. *Р. Мусулмонқулов.*

«БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ» بدایع الوقایع китоби машҳури Зайнуддини *Восифист*, ки асосан аз ёддоштҳои нависанда фароҳам омадааст. Восифӣ таснифи «Б.»-ро байни с-ҳои 1517—33 анҷом додааст. Китоб ба 46 фасл—гуфтор тақсим шуда, ахбор ё воқеаҳоеро дарбар гирифтааст, ки муаллиф аз касе шунида, дар ҷое хонда ва ё худ ба чашмаш дидааст. Тасвири воқеаҳое, ки Восифӣ аз сар гузаронидааст, муҳимтарин қисми китоб буда, таърихи Осиёи Миёнаю Хуросони асри нависандаро равшан мекунад. Дар «Б.» доир ба мардони бузурги таърихӣ чун Ибни Сино, Фирдавсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Навоӣ, Биноӣ ва ғ. ҳикоятҳои мароқовар нақл шудаанд, ки як қисмашро ҳикоятҳои воқеӣ номидан мумкин аст. Баъзе аз ҳикоятҳои китоб ҷанбаи тарҷумаиҳолӣ доранд. Восифӣ шоҳиди бисьёр воқеаҳои таърихие буд, ки дар Хуросону Моваруннаҳр рӯй додаанд. Вай вуруди лашкари шоҳ Исмоили Сафавиро ба Ҳирот, ғорат, қатлу кушторҳоеро, ки ба баҳонаи ихтилофоти динии шиаву суннӣ нисбат ба аҳолии шаҳру деҳот раво медиданд, бо чашми худ дида, лавҳанигорона тасвир намудааст. Аҳамияти «Б.» низ дар ин аст, ки нависанда ҳаёти маданӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Ҳиротро дар поёни а. 15 ва оғози а. 16, иштироки гурӯҳҳои миёнаҳоли шаҳр — аҳли касбу ҳунар, заҳматкашони замонашро дар ҳаёти мамлакат, ҳолати рӯҳии онҳо, завқ ва истеъдоди фитрии намояндагони мардумро нишон додааст. «Б.»-ро куллиёти осори нависанда номидан мумкин аст. Ғазалиёт, рубӣ, қитъа, қасида ва ашъори ба шеваҳои маҳалҳои гуногун, муаммо, таърих ва ғ., ки дар мавридҳои гуногун, аксар бадоҳатан гуфта шудаанд — ҳама дар китоб ҷамъ оварда шудаанд. Аммо Восифӣ устоди насри бадеӣ буд. Иншои санадҳои расмӣ, номаҳо, катибаи рӯи сангҳои мазор ва ғ., ки дар шароити гуногуни ҳаёт барои ӯ ҳамчун манбаи моддии зиндагӣ хидмат кардаанд, дар «Б.» дарҷ гардидаанд. Аз рӯи ин санадҳо мо на танҳо маҳсули фикри вайро комилтар тасаввур мекунем, балки бо ҳуҷҷатҳои дороии аҳамияти таърихии он замон низ шинос мешавем. Хулласа, «Б.» намунаи насри нафиси классикии тоҷик буда, тарзи зиндагӣ ва одобу русуми мардуми давраи муаллифро оинавор инъикос мекунад. Матни ҷомеи илмию интиқодии «Б.»-ро А. Н. *Болдырев* аз рӯи 25 нусхаи дастнавис ба вуҷуд оварда, дар 2 ҷилд мунташир кард (1961). Ин матн бо ислоҳи лозим дубора дар Теҳрон ба табъ расид (1971—72), ки ҳамчун натиҷаи ҳамкории АФ СССР, Ут-ти давлатии Ленинград, АФ РСС Тоҷ. ва «Буньёди фарҳанги Эрон» анҷом дода шудааст.

Ад.: Айнӣ С., Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-ваҚоеъ», Сталинобод, 1956, Болдырев А. Н., Зайниддин Васифи, Сталинабад, 1957. *К. Айнӣ.*

«БАДОЕЪ-УС-САНОЕЪ» بدایع الصنایع асари *Атоуллоҳи Ҳусайнӣ* дар боби арӯз ва санъатҳои шеърӣ, ки с. 1493 таълиф шудааст. «Б.» аз муқаддима ва се боб иборат аст. Дар муқаддима («Дар усули илми арӯз» унвон гирифтааст) аз хусуси арӯз ва қонуну қоидаҳои он баҳс рафтааст. Дар боби якум 60 санъати лафзӣ ва дар боби дуюм 65 санъати маънавӣ шарҳ ёфтааст. Боби сеюм 22 санъати бадеиро дарбар гирифтааст, ки байни лафзию маънавӣ муштарак будааст. Дар хотимаи китоб муаллиф аз иллатҳои шеърӣ ва баъзе истилоҳоти адабиётшиносӣ баҳс кардааст. Муҳаққиқ оид ба ҳар масъала ақидаҳои Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Насируддини Тӯсӣ, Ҷоҳиз, Алломаи Тафтозонӣ ва диг. адибону мутафаккирони маъруфро зикр карда, фикри худро пеш рондааст ва бо мисолҳо ба исбот расондааст. Муаллифи «Б.» ягонагии мазмун ва шаклро ҳамчун муҳимтарин қонуни процесси эҷод таъкид кардааст. Китоб ба арзиши бузурги илмии амалӣ ва назарӣ соҳиб буда, барои таҳқиқи сайри таърихии афкори эстетикии форс-тоҷик, омӯхтани таърихи адабиёт ва муҳити адабии замони муаллиф аҳамияти зиёде дорад. Атоуллоҳ ин китоби худро ба ташвиқи Навоӣ таснифф карда, аз тарафи Навоӣ, Хондамир ва диг. баҳои баланд гирифта будааст.

Нашр.: Бадоеъ-ус-саноеъ, Д., 1974. *Р. Мусулмонқулов.*

БАДР, моҳи пурра, моҳи тамом, моҳи чаҳордаҳшаба, фазаи Моҳ. Моҳ дар ин фаза дар наздикии ҳамон нуқтаи осмон воқеъ мегардад, ки он нуқта ба самти Офтоб муқобил аст ва Моҳ чун доираи мунир намоён мебошад.

БАДРИ ЧОЧӢ بدر چاچی Бадруддин (с. тав. номаълум — ваф. 1344), шоири форс-тоҷик. Дар Чоч (Тошкент) ба дунёё омада, баъдтар ба Ҳиндустон рафтааст. Дар Деҳлӣ, дар дарбори Ғиёсуддин Муҳаммади Туғулуқшоҳ (1325—51) зиндагӣ ва эҷод кардааст. Қасоиду қитаоташ асосан ба сабки ироқӣ суруда шудаанд. Зоҳиран Б. Ч. охирин шоирест, ки ба ин сабк таълиф кардааст. Б. Ч. дар луға ва киноёту истиорот устоди комил буда, ин ҷиҳат боиси душворфаҳмии ашъораш гардидааст. Мушкилоти ашъораш сабаби ба вуҷуд омадани чандин шарҳу ҳошия шудааст. Аз ҷумла шарҳи Муҳаммад Усмони Қайс бар ашъори Б. Ч., ки бо унвони «Нусхаи Усмонхон» с. 1848 дар ду ҷилд тартиб ёфта буд, маъруф аст. Б. Ч. дар шеър гоҳо Бадр ва гоҳо Бадри Чочӣ тахаллус кардааст. Девони Б. Ч. қариби 2000 байт дорад. Инчунин ба номи Туғулуқшоҳи мазкур «Шоҳнома»-е дар ҳудуди сӣ ҳазор байт навиштааст. *У. Яҳьёев.*

БАДРИ ШЕРВОНӢ بدر شیروانی (таҳр. 1370—1450, Шервон), шоири форс-тоҷик, яке аз шогирдони Камоли Хуҷандӣ. Б. Ш. асосан дар Шервон зиндагӣ ва эҷод кардааст. Шоир аз мардони соҳибфазли замони худ ва бисьёр ҳозирҷавобу бадеҳагӯ будааст. Мероси адабиаш дар куллиёте фароҳам омада, аз қасида, ғазал, қитъа, рубӣ, тарҷеъбанд, мустазод ва ғ. иборат аст. Як нусхаи дастнависи куллиёти ӯ дар китобхонаи Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Ӯзб. мавҷуд аст. *Ш. Нуриддинов.*

БАДРИ ҶОҶАРМӢ بدر جاجرمی Бадруддин (с. тав. номаълум — ваф. 1283), аз шоирони қасидасарои форс-тоҷик аст. Зиндагии ӯ асосан дар ш. Исфаҳон ҷараён кардааст. Б. аз намояндагони *сабки ироқист*. Аз ӯ дар ҳаҷми 4000 байт девоне боқӣ мондааст, ки аз ашъори лирикӣ иборат.

БАДРИИ ҒАЗНАВӢ بدری غزنوی ибни Аҳмад (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форс-тоҷик; дар а. 11 умр ба сар бурдааст. Авфии Бухорӣ дар «Лубоб-ул-албоб» Б. Ғ.-ро дар қатори шоирони аҳди Ғазнавиён зикр намуда, майли ӯро ба панду ҳикмат қайд кардааст. Мероси адабии Б. Ғ. ба миқдори кофӣ боқӣ намондааст. Рубоии зер намунаи шеъри ӯст:

З-ин мартабату ҷалолу з-ин бардобард
Эмин манишин зи давлати гардогард.
Имрӯз ғамони хеш хвар мардомард,
З-он пеш, ки з-ин ҷо биравӣ дардодард.

С. Сиддиқов.

БАДРМУҲАММАД بدر محمد Қозихони Деҳлавӣ, мулаққаб ба Дҳорвол (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва луғатнависи а. 15 форс-тоҷик. Б. дар Ҳиндустон умр ба сар бурда, то охири умр дар дарбори Қадрхони Диловархон (яке аз шоҳони ғурии Ҳиндустон) хизмат кардааст. Аз таълифоти Б. бо унвони *«Адот-ул-фузало»* фарҳанги форсие мерос мондааст, ки муаллиф онро с. 1419 ба номи Қадрхон ба поён расондааст.

БАДРӢ بدری Абдуссаломи Кашмирӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири форсизабони Ҳиндустон. Зиндагиаш дар а. 16 ҷараён кардааст. Б. яке аз шоирони пурмаҳсули замони худ буда, осораш қариб пурра боқӣ мондааст ва таърихи итмоми аксари таълифоташ маълум аст. Ғазалиёти Б. с. 1580 дар девоне фароҳам оварда шудааст. Як силсила маснавиҳои Б. дар тақлид ва пайравии классикони адабиёти форс-тоҷик назм шудаанд: «Искандарнома», ки бо унвони «Қиссаи Зулқарнайн» ҳам маъруф аст, «Меъроҷ-ул-комилин» (1573), «Равзат-ул-ҷамол» (1575), «Шамъи дилафрӯз» (1578, дар вазни «Хисраву Ширин»-и Низомӣ), «Баҳр-ул-авзон» (1580), «Сироҷ-ус-солиҳин» (1582), «Маҷмаъ-ул-ашъор» (тақлидан ба «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ), «Мотамсарой» (тақлидан ба «Мантиқ-уттайр»-и Аттор), «Зӯҳра ва Хуршед» (дар вазни «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саной), «Матолеъ-ул-фаҷр» (дар вазни «Сабҳат-ул-аброр»-и Ҷомӣ), «Лайлӣ ва Маҷнун», «Расулнома» (тақлидан ба «Бӯстон»-и Саъдӣ) ва ғ.

БАЁЗ (ар. بياض — сафед, сафедӣ), маҷмӯаи ашъори мунтахаби шоирони давраҳои гуногун, ки аз тарафи дӯстдорони адабиёт, адибони ҷудогона гирдоварӣ ва дар дафтари тозае покнавис карда мешавад. Ба ин маънӣ Б. акси мусаввада (сиёҳнавис) аст. Б.-созӣ аз а. 18 бештар маъмул гардид ва дар а. 19, баъди пайдо шудани дастгоҳҳои китобҷопкунӣ як силсила Б.-ҳои чопӣ ҳам ба миён омаданд. Тартибдиҳандаи Б. мувофиқи фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ ва завқи бадеиаш аз ашъори шоирони гузашта ва муосири худ намунаҳо интихоб мекард. Ашъори бисьёр шоирони гумном, ки осорашон ба сурати девон ва маҷмӯа надаромадаанд, ба воситаи Б.-ҳо дастраси хонандагон гардидаанд. *С. Акрамов.*

БАЁНОТИ ДУРӮҒИ БАРҚАСД, дидаву дониста додани маълумоти бардурӯғ аз тарафи шахсоне, ки онҳоро органҳои судию тафтишотӣ ба сифати шоҳид, ҷабрдида, эксперт ё тарҷумон даъват мекунанд, инчунин тасдиқ намудани фактҳои нодурусту сохта, инкор ва ё пинҳон кардани фактҳои ҳақиқӣ. Баёноти нодурусте, ки дар натиҷаи саҳву иштибоҳ дода мешавад, Б. д. б. ҳисоб намешавад ва боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад. Б. д. б. ба муқаррар кардани ҳақиқат аз тарафи органҳои тафтишот, прокуратура ва суд монеъ шуда, ба кори мӯътадили онҳо, ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гражданинҳо зарар мерасонад, аз ин рӯ он яке аз шаклҳои ҷиноят ба муқобили адолати суди социалистӣ аст. Баёнотдиҳанда барои Б. д. б. мувофиқи мод. 194 КҶ РСС Тоҷ. то 1 сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Барои Б. д. б. бо ҳолатҳои вазнинкунандаи гуноҳ (айбдоркунӣ ба ҷиноятҳои давлатии махсусан хавфнок ё диг. ҷиноятҳои вазнин, далелҳои сохтаи айбдоркунанда, бо мақсади ғаразнок дода шудани Б. д. б). гунаҳкор аз 2 то 7 сол ҷазо мегирад.

Ад.: Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон, Д., 1963.

БАЁНӢ بیانی Муҳаммадюсуф (1858, деҳаи Бадархони назди Хева—1923, Хоразм), муаррих, хаттот, шоир ва тарҷумони ӯзбек. Аз наврасӣ ба таҳсили илм шуғл варзида, забонҳои форсӣ, арабӣ ва илми тибро омӯхт. Устоди хатҳои сулс, кӯфӣ ва шикаста буд. С-ҳои 1911—14 асари таърихии «Шаҷараи Хоразмшоҳӣ»-ро навишт, ки таърихи Хоразмро аз давраи истилои муғул то воқеаҳои таърихие, ки дар хонии Хева ибтидои а. 20 ба амал омадаанд, дар бар мегирад. Дар асар, аз ҷумла дар бораи ба Россия ҳамроҳ карда шудани хонии Хева, ки муаллиф шоҳиди ин воқеаи таърихӣ буд, маълумоти ҷолибе фароҳам омадааст. Б. аз форсӣ-тоҷикӣ «Таърихи Табарӣ» (таҳрири Балъамӣ), «Шайбонинома»-и Биной (1915), аз арабӣ «Саҳоиф-ул-ахбор»-и Дарвеш Аҳмадро (1915) ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Дар солҳои охири умраш баъди барпо шудани Республикаи Халқии Советии Хоразм дар органҳои маорифи халқ кор мекард, аъзои ҳукумати республика буд. Девони ашъораш аз ғазалиёти ишқиву шиквой иборат буда, таҳти рақами 7421 дар Ин-ти шарқшиносии АФ РСС Ӯзб. маҳфуз аст. *Ю. Мальцев.*

БАЁТ بیات яке аз шӯъбаҳои мақомҳои *«Кӯчак»*-и *«Чормақом»* ва *«Наво»*-и «Шашмақом». Дар асарҳои мусиқии классикӣ Б.-и Аҷам аз «Дувоздаҳмақом» ва шӯъбаҳои баётӣ қайд шудааст. Мақомҳои Б.-и Турк ва Б.-и Шероз ҳоло ҳам дар байни халқҳои Эрону Озарбойҷон иҷро карда мешаванд. Б. усул ва тарзи сароянда гӣ дар санъати мақомхонии водии Фарғона, Тошкент буда, инчунин, номи «Намуд» («Намуди Баёт») мебошад. «Намуди Б.» авҷи шӯъбаи Б. буда, пас аз он шӯъбаи *«Мустазоди Наво»* мебояд. «Насри Б.» қисми таронавии мақоми «Наво» буда, таъсири эстетикии онро пурзӯр мекунад. Б. аз қисмати «Баёти Курд» низ таркиб ёфтааст. «Б а ё т и К у р д»—1) Гӯшаи мусиқӣ дар мақоми «Зангӯла» («Дувоздаҳмақом») ва таркиби шӯъбаи *«Чоргоҳ»*. 2) Шӯъбаи мустақил дар мақомҳои Эрону Озарбойҷон, ки дар байни шӯъбаҳои «Баёти Шероз» ва «Дашт»-и мебояд. 3) Як лаҳзаи муҳимми мусиқӣ дар мақоми *«Шӯр»* («Ҳаштмақом») ё «Ҳафтдастгоҳ»-и мусиқии Эрон, Озарбойҷон), ки он бештар дар шӯъбаҳои «Ҳоҷӣ Ҳусайн», «Бастанигор», «Қатор», «Қарой» ба назар мерасад. *А. Раҷабов.*

БАЖА́Н Микола (Николай Платонович; тав. 9. 10. 1904, ш. Каменец-Подольск), шоир ва ходими ҷамъиятии Украина, акад. АФ РССУ (1951), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1974). Ходими Хизматнишондодаи Илми РССУ (1966), Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Гурҷ. (1964), Шоири халқии РСС Ӯзбекистон (1968). Аъзои КПСС аз с. 1940. Сармуҳаррири Энциклопедияи Советии Украин. Аввалин китоби ашъори Б. «Патрули ҳафдаҳум» (1926) дар мавзӯи ҷанги гражданист. Дар достонҳои «Падарон ва писарон» (1938), «Модарон» (1939) мавзӯи муборизаи синфӣ инъикос ёфтааст. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти адабӣ ва ҷамъиятии Б. хеле вусъат ёфт. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1946) барои асарҳои «Қасам», «Даниил Галицкий», «Дафтари Сталинград». Баъди ҷанг Б. дар силсилаи шеърҳои «Таассуроти Англия» (Мукофоти давлатии СССР, 1949), маҷмӯаҳои «Дар назди бурҷи Спасск» (1952), сулҳ ва дӯстии халқҳоро тараннум кардааст. Эҷодиёти Б. аз ҷиҳати мавзӯъ доманадор буда («Мицкевич дар Одесса», 1957; «Таассурот аз сафари Италия», 1961; «Чор ҳикоят аз хусуси умед», 1967), дорои мазмунҳои чуқури фалсафиаанд ва аз ҷиҳати сиёсӣ хеле бурро мебошанд. Бисьёр асарҳои Б. ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд (маҷмӯаи «Боди Шарқ», 1961). Б. як силсила осори халқҳои СССР-ро ба украинӣ тарҷума кардааст. Котиби ИН СССР аз с. 1967. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 2—5). Бо 3 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

БАЖЕ́НОВ Василий Иванович (12. 3. 1737, деҳаи Дольское наздикии Малоярославец—13. 8. 1799, Петербург), меъмори рус, рассом ва назариётчии соҳаи меъморӣ. Дар АР Петербург (1758—60), Франция ва Италия (1760—64) таҳсил ва эҷод кардааст. Аъзои якчанд академияҳои рассомии мамлакатҳои хориҷӣ. Б. лоиҳаҳои Арсенал, Ин-ти Смольный (Петербург)-ро ба анҷом расонд. Ӯ меъмори қасри Пашков (бинои ҳозираи Китобхонаи давлатии СССР ба номи В. И. Ленини Москва), қасри Михайлов (Петербург) ва диг. ёдгориҳои меъморист.

БАЗАИ МОДДӢ-ТЕХНИКӢИ КОММУНИЗМ, маҷмӯи унсурҳои моддии қувваҳои истеҳсолкунанда (пеш аз ҳама воситаҳои меҳнат ва предметҳои меҳнат), ки ба принципҳои формацияи ҷамъиятии иқтисодии пешқадамтарин дар таърихи инсоният — коммунизм мувофиқат мекунад. Он дорои парки мошин, механизм, аппарат, таҷҳизоти доираи истеҳсолоти моддӣ ва доираи ғайриистеҳсолӣ, процессҳои технологӣ, шаклҳои ташкили идоракунии истеҳсолоти ҷамъиятӣ; иморатҳои истеҳсолӣ, воситаҳои нақлиёт, инчунин воситаҳои алоқа, ашьё, масолеҳи асосию ёридиҳанда мебошад. Масъалаи асосӣ ва ҳалкунандаи иқтисодӣ — масъалаи тадричан гузаштан аз фазаи поёнии ҷамъияти коммунистӣ ба фазаи олии он ба барпо кардани Б. м. т. к. вобаста аст. Асоси моддии Б. м. т. к. аппарати аз ҷиҳати техникӣ мукаммали истеҳсолӣ буда, он олот ва воситаҳои меҳнати соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқро дарбар мегирад. Ин аппарат асосан ба ҳам пайвастан ва ба моликияти ягонаи умумихалқии коммунистӣ мубаддал гаштани ду шакли моликияти социалистӣ, асоси ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҷамъияти коммунистӣ мебошад. Шартҳои ҳатмии барпо кардани чунин таҳкурсии мустаҳками моддии ҷамъияти коммунистӣ инҳоанд: электрикониии пурраи мамлакат ва дар асоси он такмил додани техника, технология ва ташкили истеҳсолоти ҷамъиятии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ; механиконии комплексӣ ва автоматонии процессҳои истеҳсолот; истифодаи васеи химия дар хоҷагии халқ; ҳаматарафа тараққӣ додани соҳаҳои нави аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидабахши истеҳсолот; ба вуҷуд овардан ва истифода кардани навъҳои нави энергия ва масолеҳ, пурра ва оқилона ба кор бурдани манбаъҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ; узван ба ҳам пайвастани илму истеҳсолот ва таъмини суръати тези пешрафти илмӣ-техникӣ; савияи баланди маданию техникии меҳнаткашон; аз ҷиҳати ҳосилнокии меҳнат аз мутараққитарин мамлакатҳои капиталистӣ хеле пеш гузаштан. Б. м. т. к. заминаест барои дигаргунсозиҳои куллии сохти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷамъият, барои талаботи аввалини ҳаёти инсон шудани меҳнат, барои табдил ёфтани муносибатҳои ҷамъиятии социалистӣ ба коммунистӣ. Дар натиҷаи барпо кардани Б. м. т. к. барои қатъиян тағйир додани табиат ба нафъи ҷамъият имконияти зиёде муҳайё мешавад. Ин талаб мекунад, ки комьёбиҳои илми пешқадам дар хоҷагии халқ васеъ ба кор бурда шаванд ва илм тадричан ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунанда табдил ёбад. Иҷрои планҳои панҷсолаи хоҷагии халқ барои барпо намудани Б. м. т. к. марҳалаи муҳим мебошад.

Ад.: Ленин В. И., Вазифаҳои навбатии Ҳокимияти Советӣ, Ас., ч. 27, ҳамон муаллиф, Дар бораи плани ягонаи хоҷагӣ, Ас.: ч. 32; Материалҳои съезди XXV КПСС, Д., 1976; Гржегоржевский А. Н., В. И. Ленин о материально-технической базе коммунизма, М., 1970.

БАЗАИ ТОҶИКИСТОНИИ АФ СССР, якумин муассисаи илмии комплексии Тоҷикистон. Баҳори с. 1932 ташкил шуд, ки 2 шӯъба — геологиву биологӣ ва комиссияи тадқиқотҳои экспедиционӣ дошт. Нояб. 1940 шумораи муассисаҳои илмии он ба 13 расид, аз ҷумла ин-тҳои ботаника, геология, зоология ва паразитология, таъриҳ, забон ва адабиёт, станцияи хокшиносию мелиоративии Вахш, станцияи биологии Помир, станцияи зилзиласанҷӣ, расадхона, лабораторияи химиявии Ленинобод, шӯъбаҳои хокшиносию гелиотехникӣ, ду боғи ботаникӣ дар Сталинобод ва Ленинобод. Ба кори Б. олимони машҳури советӣ — акад.-ҳо С. Ф. Ольденбург (1932—33), А. А. Рихтер, А. Е. Ферсман, Н. П. Горбунов (1934), Е. Н. Павловский (1935—40) роҳбарӣ мекарданд.

Фаъолияти илмии Б. ба тадқиқи минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда, таҳвияи алоқаи илм бо талаботи сохтмони социалистӣ равона гардида буд. Мас., геоботаникҳо дар бобати беҳтар кардани базаи хӯроки чорво ва боз ҳам хубтар истифода намудани чарогоҳҳо корҳои илмӣ мебурданд, дар станцияи биологии Помир масъалаҳои ба иқлими баландкӯҳ мутобиқ кардани зироат ва физиологияи растаниҳои баландкӯҳ тадқиқ карда мешуд. Дар соҳаи тиб ва паразитологияи ветеринарӣ ва энтомологияи х. қ. тадқиқоти зиёде зери роҳбарии акад. Е. Н. Павловский анҷом дода шуд. Тадқиқотҳои геологҳо ба ташкили базаи ашьёи хом барои тараққиёти саноати маъдан ва сӯзишворӣ, истеҳсоли масолеҳи маҳаллии сохтмон равона карда мешуд.

Ба туфайли фаъолияти Б. тадқиқоти таърихӣ низ ривоҷ ёфт. Алалхусус бозьёфтҳои к. Муғ дар пешравии илми таъриҳ аҳамияти калон дошт. Адабиётшиносону забоншиносон бошанд, дар тартиб додани алифбои нави тоҷикӣ, луғатҳои русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикию русӣ, дар тадқиқи грамматика, адабиёт ва фольклори тоҷик кори зиёдеро анҷом доданд. Охири с-ҳои 30-юм Б. маркази асосии илмии Тоҷикистон шуд. Дар муассисаҳои он 127 ходими илмӣ, аз он ҷумла 5 доктори илм ва 22 номзади илм кор мекарданд. Б. с. 1941 ба филиали АФ СССР, с. 1951 ба АФ РСС Тоҷ. табдил ёфт.

Ад.: Раджабов З. Ш., Развитие науки в Таджикской ССР. Д., 1964; Асимов М. С., Советский Таджикистан и его наука, дар кит.: Наука Союза ССР, М., 1972. *Е. С. Шагалов.*

БАЗАИ ХӮРОКИ ЧОРВО, захираи хӯроки чорво ва манбаъҳои истеҳсоли он дар хоҷагиҳо, район, вилоят ё мамлакат. Б. х. ч. манбаъҳои табиӣ (марғзор ва алафзору чарогоҳ), зироати хӯроки чорво (алафҳои яксолаю бисьёрсола, бехмеваҳо, кишти омехтаи зироати ғалладонаю лӯбиёиҳо, ҷуворимакка, ҷуворӣ ва ғ.), боқимондаи хирманҷо ва зироат (коҳ, хасбеда, пахол, поя, барги зироати бехмева ва сабзавот), партови корхонаҳои саноати орду ярма, равғаи, лаблабу, ҷаннодӣ, консерв, машрубот, гӯшту шир ва моҳӣ, истеҳсоли хӯрокиҳои омехта ва минералиро дар бар мегирад. Базаи мустаҳками хӯроки чорво шарти муҳими инкишофи чорводорӣ аст. Б. х. ч.-ро асосан аз ҳисоби васеъ намудани майдони кишти зироати хӯроки чорво тараққӣ медиҳанд. Истеҳсоли хӯроки чорво дар к-зу с-зҳо мунтазам меафзояд. Мас., дар СССР агар с. 1966 ба ҳар сар чорвои калони шохдор 23,7 ц воҳиди хӯрокӣ сарф шуда бошад, с. 1973 ба 27,3 ц расидааст. Афзоиши минбаъдаи Б. х. ч. махсусан ба истифодаи босуръату самараноки алафзору чарогоҳҳо, аз ҳисоби механиконии парвариш, ғизодиҳӣ ва обьёрӣ, баланд бардоштани ҳосили зироат, кишти навъҳои серҳосили зироати хӯрокӣ, ба кор бурдани усулҳои пешқадами тайёр кардану нигоҳ доштани хӯрок ва нигоҳ доштани сифати ғизоии он, ҳар чӣ бештар тайёр намудани силоси хушсифат, орди алаф ва ғ. вобаста аст. Дар инкишофи Б. х. ч.-и республика ҳар чӣ бештар киштани юнучқа, ҷуворимакка, ҷуворӣ, офтобпараст, лаблабуи қанд, ҷорӣ кардани кишти омехтаи ҷуворимаккаю лаблабу, юнучқаю ҷуворимакка ва мушунгу ҷав, шабдару ҷавдор, нахӯду бомус ва ғ. омили муҳим аст. С. 1975 майдони кишти зироати хӯроки чорво дар республика ба 191,8 ҳаз. га (нисбат ба с. 1940 чор баробар зиёд) расид. Аз ҳар га зироати силосбоб 217 ц баргу поя ва 245 ц лаблабуи қанд гирифта шуд. Мувофиқи мақсад истифода бурдани 1,5 млн га чарогоҳи тобистона, 1,28 млн га чарогоҳи зимистона ва 400 ҳаз. га чарогоҳи баҳорӣ манбаи муҳими табиии Б. х. ч.-и республика мебошад. С. 1975 дар республика дар асоси истифодаи усулҳои пешқадами тайёр намудани хӯроки чорво 1 млн 245 ҳаз. т хӯроки дурушт (аз ҷумла 458 ҳаз. т хошок ва 963 ҳаз. т силосу тарбеда) тайёр карданд. С. 1975 дар к-зу с-зҳои республика 147 агрегати омехтаи витамину орди алаф тайёркунанда (АВМ) ва 75 агрегати гранулакунандаи хӯроки чорво (ОГМ) кор мекард. *З. Каримов.*

БАЗАЛИОМА, сиёҳбод, омоси пӯст, ки ба *саратон* наздик буда, аз қабати базалии пӯстпарда ё иловаҳои пӯст (дар пирӣ бештар дар пӯсти рӯй) инкишоф меёбад. Б. дар пӯст аз уқдачаи бедард сар зада, сипас ҷароҳатнок мешавад ва дар тӯли солҳо оҳиста-оҳиста инкишоф меёбад. Б.-и паҳни сатҳии пӯст,

ки дар натичаи он дар рӯи пӯст пулакчаҳои гулобӣ ва пӯсти хунолуд пайдо мешавад, яке аз навъҳои Б. аст.

Муолиҷа: рентгенотерапия, электрокоагуляция ва ҷарроҳӣ.

БАЗА́ЛЬТ (эфиопӣ basal — санги оҳандор), ҷинси кӯҳии вулқонӣ. Рангаш сиёҳтоб. Асосан аз плагиоклаз (лабрадор) иборат буда, ба миқдори кам авгит, оливин, магнетит, ильменит дорад. Б.-и пурра кристаллбастаро долерит меғӯянд. Лаваи Б.-ӣ аз тарқишҳои калони тектоникӣ ба рӯи замин рехта, майдонҳои хеле васеъ (садҳо ва ҳазорҳо км²)-ро фаро мегирад, ки онро пуштакӯҳи базальтӣ ё *трапп* меноманд. Б.-и хунукшуда кафида шакли сутунҳои панҷ ё шашпаҳлӯдорро мегирад. Б. дар табақаҳои ҷинсҳои вулқонии давраҳои гуногун васеъ паҳн шудааст (дар Сибирь, Украина, Арманистон). Аз вулқонҳои ҳозира ҳам Б.-и гудохта ҷорӣ мегардад (Камчатка, ҷаз-ҳои Гавай, Исландия ва ғ.). Б. масолеҳи хуби бинокорӣ аст. Б.-ро гудохта аз он изолятори электрикӣ, асбобҳои химиявии кислотатобовар ва ғ. тайёр мекунанд. Дар СССР онро дар Арманистон ва Украина истеҳсол мекунанд.

БА́ЗЕЛЬ (нем. Basel, франс. Bâle), шаҳр дар шим. Швейцария, дар наздикии сарҳади Франция ва РФГ. Бандари д. Рейн ва кан. Рейну Рона. Маркази маъмурии кантони Базель. Дуюмин шаҳри калонтарини мамлакат (баъди Цюрих). Муҳимтарин узели р. о. Аҳол. 370 ҳаз. наф. (1970, бо атрофаш). Маркази савдо, молия ва саноат. Ҳар сол дар Б. ярмарка гузаронда мешавад. Банки байналхалқӣ, саноати химия, шоҳибофӣ, дорусозӣ, полиграфӣ, инчунин ун-т (аз 1460), музеҳои таърихӣ ва этнографӣ дорад. Дар Б. ёдгориҳои меъмории а-ҳои 11—16 боқӣ мондаанд.

БАЗИДИОМИЦЕТҲО́ (Basidiomycetes), синфи занбӯруғҳои дараҷаи олӣ, ки узвҳои махсуси афзоиш—базидияҳо доранд. Базидияи пухтарасида 4-спораи якҳуҷайра (базидиоспораҳо) дорад, онҳо дар нешаҳои махсус—стеригмаҳо ҷойгир шудаанд. Ҳангоми сабзиш дар ҳар як базидиоспора мицелий, яъне танаи занбӯруғ ҳосил мешавад. Миплаъд ҳуҷайраҳои як ё якчанд мицелийҳо бо якдигар омезиш меёбанд. Дар мицелий одатан ҷисми мева ҳосил мешавад. Пас аз ин дар базидияҳо процесси *мейоз* (тақсимшавии редукционӣ) мегузарад, ки он бештар бо ҳосил шудани 4 ядро ба анҷом мерасад. Б. зиёда аз 15 000 намудро дар бар мегиранд. Аксари онҳо хӯрокӣ (дили барра, карнайзанбӯруғ ва ғ.), баъзеашон заҳрнок (телпаки қозӣ, сиёҳак ва ғ.) мебошанд. Занбӯруғҳои пӯкак, ки дар танаи дарахтон вомехӯранд, дарахтонро мепӯсонанд. Б. ба зерсинфи холобазидиомицетҳо ва фрагмобазидиомицетҳо ҷудо мешаванд. *Я. И. Корбонская.*



Базидияҳо дар занбӯруғҳои гуногунавлод. Базидияҳои якҳуҷайра: 1—Russula; 2—Sclerodon; 3—Dacryomyces. Базидияҳои бисёрҳуҷайра: 4—Ustilago; 5—Uromyces; 6 — Auricularia; 7 — Tremella.

БА́ЗИС ВА НАДСТРО́ЙКА (юн. basis — асос, ниҳод; рус. надстройка — барсохт, болосохт), мафҳумҳои асосии материализми таърихӣ, фаҳмиши марксистии ҷамъият. Базиси ҷамъият системаи таърихан муайяни муносибатҳои истеҳсолист. Надстройка системаи муносибатҳои идеологӣ, ақидаҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои ба онҳо мувофиқ (давлат, ҳуқуқ, ахлоқ, дин, фалсафа, санъат, шакли сиёсӣ ва ҳуқуқии шуур ва муассисаҳои дахлдори он) мебошад. Ба қавли В. И. Ленин, идеяи асосии материализми таърихӣ «иборат аз ин буд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ба муносибатҳои моддӣ ва идеологӣ тақсим мешаванд. Муносибатҳои идеологӣ танҳо надстройкае дар болои муносибатҳои моддӣ мебошанд» (Ас., ҷ. 1, саҳ. 159). Таърифи классикии Б. ва н.-ро К. Маркс дар сарсухани китоби «Оид ба танқиди иқтисоди сиёсӣ» додааст: «Одамон дар истеҳсолоти ҷамъиятии ҳаёти худ ба муносибатҳои муайян ва зарурии ба иродаи худашон вобаста набудае — ба муносибатҳои истеҳсолие дохил мешаванд, ки ин муносибатҳо ба зинаи муайяни инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи моддии онҳо мувофиқ меоянд. Маҷмӯи ин муносибатҳои истеҳсолӣ таркиби иқтисодии ҷамъиятро, базиси реалиеро ташкил мекунад, ки бар болои ин базис надстройкаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ воқеъ аст ва шаклҳои муайяни шуури ҷамъиятӣ ба ин базис мувофиқ меоянд» (Маркс К. ва Энгельс Ф., Ас. мунтахаб, ҷ. 1, Д., 1963, саҳ. 374).

Надстройка маҳсул ва инъикоси базис мебошад. Базиси иқтисодии ҷамъият чӣ хеле ки бошад, надстройкаи он ҳам ҳамон хел мешавад. Б. ва н. таҳаввулоти меёбанд ва дигаргун мешаванд. Тағьир ёфтани базис ба тағьири характери қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста аст. Бо тағьири асосии иқтисодӣ дар тамоми надстройкаи ҷамъиятӣ лиз табаддулот ба вуҷуд меояд. Вале табаддулоти надстройкаро аз табаддулоти базис фарқ кардан зарур аст. Б. назар ба надстройка зудтар тағьир меёбад. Надстройка бошад, дар инкишофи худ хусусияти нисбатан мустақил ва меросӣ дорад ва баробари тағьир ёфтани базис ҳамаи элементҳои он пурра барҳам намехӯранд. Мас., дар натичаи революцияи социалистӣ ба ҷои базиси кӯҳнаи капиталистӣ базиси нави социалистӣ ба вуҷуд омад, аммо баъзе элементҳои надстройкаи кӯҳна (ҷиҳатҳои пешқадами маданияти маънавӣ, ахлоқ, санъат ва ғ.) боқӣ мондаанд.

Ҳар як ҷамъият Б. ва н.-и ба худ хос дорад. Б. ва н.-и ҷамъияти синфӣ хусусияти синфӣ дорад. Аз сабаби табиатан антагонистӣ будани базиси формацияҳои гуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ надстройкаи онҳо ҳам антагонистӣ мебошад. Мас., базиси ҷамъияти капиталистӣ ба истисмори пролетариат аз тарафи буржуазия, ба антагонизми ин ду синф асос ёфтааст.

Б. ва н. робитаи диалектикӣ дорад. Надстройка дар асоси базиси муайян ба вуҷуд омада, ба базис ва тараққиёти ҷамъият умуман таъсир мерасонад. Дар ин робитаи мутақобила роли муайянкунандаро базис мебозад. Б. ва н.-и социалистӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои ба вуҷуд омадан ва моҳияти худ аз Б. ва н.-и формацияҳои гузашта фарқ мекунад. Мас., агар базиси буржуазӣ дар дохили феодализм ба таври стихиявӣ ба вуҷуд ояд, базиси социалистӣ дар дохили капитализм ба вуҷуд намеояд, зеро дар он ҷо моликияти хусусии капиталистӣ ба воситаҳои истеҳсолот ҳукмрон аст. Барои ҳамин синфи коргар бо роҳи революция ҳокимияти сиёсиро ба даст дароварда, базис ва унсурҳои иртичоии надстройкаи ҷамъияти буржуазиро нест намуда, баъд базиси социалистиро бунёд мекунад. Надстройкаи социалистӣ дар асоси базиси социалистӣ ба вуҷуд омада, дар навбати худ барои инкишофи базис таъсири фаъолона мерасонад. Ба ин муносибат роли давлат ва ҳуқуқ, идеология ва муассисаҳои идеологӣ ва ғ. дар ҳаёти ҷамъият боз ҳам баландтар мешаванд. Хусусан роли КПСС дар тараққиёти иқтисодӣ ва тамоми надстройкаи социалистӣ боз ҳам меафзояд. Мафҳумҳои Б. ва н. заминаи методологии таҳлили моҳияти ҳар як ҷамъият мебошанд.

Ад.: Глезерман Г. Е., Базис и надстройка в социалистическом обществе, М., 1954; Каммари М. Д., Что такое базис и надстройка общества, М., 1957; За творческое изучение и разработку теории базиса и надстройки, «Коммунист», 1957, № 4; Келле В., Ковальзон М., Исторический материализм, М., 1970; Асосҳои фалсафаи марксистӣ-ленинӣ, Д., 1976. *А. Мамадов.*

БАЙДА́РКА, заврақи камбари сабук барои спорти обӣ ва туризм. Б.

бо ёрии белҳои дупарра, бодбон ё мотори овеза ҳаракат мекунад. Каркаси Б.-ро аз чӯб, металл ё пластмасса яклухт ё васлӣ сохта, бо матои обногузар рӯйкаш мекунанд. Б. 1, 2, 4 ҷои нишаст дорад. Дарозӣ, бар ва массаи Б.-и яккаса мувофиқан 5,2 м, 51 см, 12 кг; дукаса — 6,5 м, 55 см, 18 кг; чоркаса—11 м, 60 см, 30 кг аст.

БАЙКАЛ, кӯли шириноб дар ҷан. Сибири Шарқӣ, дар РАСС Бурят. ва вил. Иркутски РСФСР. Сатҳаш 31, 5 ҳаз. км². Тӯлаш 636 км, бараш ба ҳисоби миёна 48 км, ҷои сербараш 79,4 км. Масоҳ. ҳавзааш қариб 557 ҳаз. км². Ҳаҷми об 23 000 км³ (зиёда аз 80% захираи оби ширини СССР). Б. кӯли чуқуртарини дунёст. Чуқурии миёнааш 730 м, ҷои аз ҳама чуқураш дар мобайни кӯл — 1620 м. Ба Б. 336 дарьёву дарьёчаҳо мерезанд, калонтарини онҳо: Селенга, Баргузин, Ангараи Боло, Турка, Снежная. Аз Б. танҳо д. Ангара (Ангараи Поён) ҷорӣ шуда, ба д. Енисей мерезад. Кӯл дар пастхамии чуқури тектоникӣ ҷой гирифта, онро қ-кӯҳҳо иҳота кардаанд. Дар Б. 27 ҷазира ҳаст, калонтаринашон: Олхон (қариб 730 км²), Ушканийи Калон (9,4 км²). Нимҷаз-ҳои Святой Нос ва Провал ҳал-ҳои калони Баргузину Чувыркуйро аз ҳам ҷудо мекунанд. Иқлими атрофи кӯл континентӣ — зимистонаш хунук, тобистонаш салқин. Ҳарор. миёнаи ҳавои янв.— февр. тақрибан — 19°С, авг. тақрибан 11°С. Ҳарор. сатҳи об дар авг. 9—12°С, дар назди соҳилҳо то 20°С; янв. ях баста, май об мешавад. Олами ҳайвоноту набототи Б. қариб 1800 намудро ташкил медиҳад, ки аз ³/₄ ҳиссаи онҳо эндемиҳоянд—тюлени байкалӣ (нерпа), сагмоҳӣ, моҳиҳои зиндазои голомянка ва ғ. Дар Б. 50 намуди моҳӣ ҳаст; асосан омуль, хариус шикор мекунанд. Б. киштигард, ба воситаи кӯл чӯб равон мекунанд. Дар соҳилҳои кӯл ш-ҳои Слюдянка, Байкальск, Бабушкин; бандарҳо ва маҳалҳои аҳолинишин—Байкал, Танхой, Выдрино, Усть-Баргузин, Нижнеангарск, Хужир ва ғ. воқеанд. Дар пос. Листвянка Ин-ти лимнологии шӯъбаи Сибирии АФ СССР ҷой гирифтааст.

БАЙКАЛ, қаторкӯҳ дар соҳили шим. ғарбии кӯли Байкал. Тӯлаш 300 км. Баландиаш то 2572 м. Аз варақсангҳои кристаллӣ, кварцит, оҳаксанг ва гранитҳои эраи протерозой таркиб ёфтааст. Нишебаҳои ғарбии Б.-ро то баландии 1200—1400 м тайгаи дарахтони шарбин, нишебаҳои шарқиашро бешаҳои тунук ва аз он болотарро низ бешаҳои тунук ва паттазорони абхул пӯшондаанд.

БАЙКОВ Александр Александрович (6. 8. 1870, Фатежи губ. Курск— 6. 4. 1946, Москва), металлург ва химики советӣ, акад. АФ СССР (1932; аъзо-корр. 1927), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1945). Хатмкардаи фак-ти физика ва математикаи Ун-ти

Петербург (1893). Аз с. 1903 проф. Ин-ти политехникии Петербург. Назарияи дар металлҳо ба вуҷуд омадани табдилоти гуногун ва назарияи процессҳои металлургиро инкишоф дод, дар ташаккули саноати масолеҳи оташбардор саҳми калон гузошт. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1—2). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1943). Бо 3 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

БАЙКОНӮР, яке аз калонтарин космодромҳои СССР дар вил. Қарағандаи РСС Қаз. Трассаи космодромии Б. дар территорияи Иттифоқи Советӣ ҳазорҳо км тӯл кашида, дар акваторияи уқ. Ором анҷом меёбад. Дар Б. гурӯҳи иншооти стартӣ, мавзеъҳои техникӣ ва пунктҳои ченкунӣ барои ичрои программаи васеи тадқиқоти кайҳонӣ мавҷуданд. Аз Б. бори аввал дар ҷаҳон радифи маснӯи Замин (РМЗ) сар дода шуд. Аввалин кошифи кайҳон Ю. А. Гагарин, якумин кайҳоннавардзан В. В. Терешкова низ аз Б. ба коинот парвоз карданд. Аз Б. силсилаи киштиҳои кайҳонии пилотдор, станцияҳои кайҳонӣ ва бисьёр РМЗ-и таъиноти гуногун ба коинот парвоз карданд.

БАЙЛАСӮН, ниг. *Марҷондарахт.*

БАЙНАЛМИЛАЛ, деха дар С. қ. Меҳнатободи р-ни Вахш, вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи «Коммунизм». Аҳол. 634 наф. (1976), тоҷикон. Аз Б. то маркази район 8 км, роҳ асфальт. Мактаби миёна, китобхона, кинотеатр, комб. хизмати маишӣ (устохонаҳои дӯзандагӣ, оҳангарӣ, пойафзол, таъмири радиою телевизор ва сартарошхона), шӯъбаи алоқа, касалхона дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

БАЙНАННАҲРАЙН بين النهرين поҳиян байни д. Даҷла ва Фурот дар Осиёи Ғарбӣ. Б. яке аз қадимтарин мавзеҳои Шарқ аст, ки деҳқонӣ дар асоси обьёрӣ тараққӣ карда буд. Дар Б. ҳазорсолаи 4—3 то м. якчанд давлатҳои ғуломдорӣ ташкил ёфтанд. Дар ҳудуди Б. ҳазорсолаи 3 то м. давлатҳои қадимаи Аккад, Ур, аввали ҳазорсолаи 2 то м. давлати Бобулистон ташкил ёфт. Баъдтар Б. ба ҳайати давлатҳои *Ошур* (а-ҳои 9—7 то м.), Бобули Нав (а-ҳои 6—4 то м.), *Искандари Маҳдунӣ*, *Селевкиён*, *Порт*, *Сосониён*, хилофати *Умавиён*, *Аббосиён* дохил шуд. С. 762 дар ҳудуди Б. пойтахти Аббосиён — Баҳдод ба вуҷуд омад. *Салҷуқиён* (а. 12) ва *муғулҳо* (а. 13) Б.-ро истило карданд. Аввали а. 16 таҳти ҳукмронии *Сафавиён* ва а. 17 зери тасарруфи *Империяи Усмония* буд. Баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ қисми зиёди Б. ба давлати Ироқ дохил шуд.

БАЙНАННАҲРАЙН (юн. Mesopotamia), Пастии Байнаннаҳрайн, дар Осиёи Ғарбӣ, асосан дар терр. Ироқ, инчунин Эрон, Сурия ва Кувайт. Б. дар қисми поёни ҳавзаи д-ҳои Даҷла, Фурот ва Корун воқеъ аст. Пастии фурӯҳамидаи калони тектоникӣ буда, бо таҳнишастҳои дарьёӣ ва баҳрӣ пӯшида шудааст. Баландиаш дар Шим. 200—250 м, дар Ҷ. (водии д. Шатт-ул-Араб) 100 м ва камтар. Д-ҳои асосӣ: Даҷла ва Фурот, баҳорон пуроб, тобистон камобанд. Дар ҷо-ҷои соҳилҳо ҷангалзорҳо тӯл кашидаанд. Кӯлҳо бисьёранд (Ал-Ҳаммар, Ас-Саъдия ва ғ.), тобистон обашон хеле кам мешавад. Қариб саросар шӯрзамин. Иқлимаш хушк, дар Шим. субтропикӣ, дар Ҷ. тропикӣ. Боришоти солона 100—300 мм. Зироаткорӣ (гандум, ҷав, шолӣ, пахта) асосан дар наздикии дарьёҳо; дар Ҷ. хурмо мерӯяд. Чорводорӣ ривоҷ ёфтааст. Конҳои нефть дорад. Ш.-ҳои калони Б.: Баҳдод, Басра (Ироқ), Ободон (Эрон).

БАЙРАМАЛӢ, шаҳр, маркази р-ни Байрамалии вил. Марви РСС Туркм., дар воҳаи Мурғоб. То Ашқобод 375 км, то Марв 27 км. Ст. р. о. ва узели роҳҳои автомобильгард. Аҳол. 32 ҳаз. наф. (1970). Б. комб. равған, з-ди пахта, ф-каи трикотаж, корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, ҷолинбофӣ, техникуми зооветеринарӣ, 3 мактаби миёна, санаторияи умумиттифоқии касалиҳои гурда дорад. Дар наздикии шаҳр станцияи таҷрибавии х. қ. кор мекунад; ҳаробаҳо ва ёдгориҳои меъмории Марви Қадим боқӣ мондаанд. Ба шаҳр номи хони Марв Байрамалихон, ки с-ҳои 1783—86 ҳукмронӣ карда буд, дода шудааст.

БАЙРАҚ (туркӣ—алам, роят, парчам, ливо, дирафш), рамзи синф, миллат, ягонагии ҳарбӣ, партияви, динӣ ва ҷамъияту ташкилотҳои гуногун. Б. матои якранга ё бисьёрранга мебошад, ки нишони махсус дорад: як тарафи он ба чӯбдаста часпонда мешавад. Ҳоло давлатҳо, партияҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, қисмҳои ҳарбӣ, ҷамъиятҳои спортӣ ва амсоли онҳо байраки худро доранд (ниг. *Байраки ҳарбӣ*, *Байраки Сурх*, *Байраққои сурхи сайёр*). Ба ривояти ёдгориҳои таърихӣ ва адабӣ Коваи оҳангар пешдомани худро Б. намуда ба муборизаи хестааст, ки онро «Дирафши Кова» меғӯянд. Дар ҷанги байни юнониёну форсҳо (а. 5 то м.), хилофати араб, муборизаи суғдиён бар зидди арабҳо, амалиёти ҳарбии Сомониён, Ғазнавиён, муғулҳо, Темуриён, Манғитиён ҳар лашкар байраки худро дошт. Дар асрҳои миёна давлатҳои ҷудогона байраққои хос доштанд. Сарлашкарони исломӣ ҳангоми ҷиҳоду ғазо Б.-и сабз меафрохтанд. Ка-

закҳои Дон а-ҳои 16—18 Б. доштанд. Онҳо байрақбардорро хорунжий меномиданд. Баъдтар ҳар як давлат, табақа, ташкилот, ҷамъият, корхона соҳиби Б.-и худ гардид.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 224—225.

БАЙРАҚИ ДАВЛАТӢ, матои якранга ва ё гуногунранг, ки рамзи расмии соҳибихтиёрии давлат мебошад. Тасвири Б. д. ба воситаи қонун (одатан дар конституция) муқаррар карда мешавад. Тасвири Б. д.-и СССР дар Конституцияи СССР с. 1977 (мод. 170) дода шудааст. Б. д. Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ аз матои сурхи росткунҷа иборат буда, дар кунҷи болоии он дар наздики даста тасвири дос ва болғаи заррин ва дар болои онҳо ситораи панҷгӯша бо ҳошияи зарҳалӣ акс ёфтааст. Нисбати бари байрақ ба дарозии он 1 : 2 мебошад. Б. д.-и СССР ливои революцияи ғолиби социалистӣ буда, дос ва болғаи рӯи он рамзи дӯстии ҷудонашавандаи синфи коргару деҳқон ва ситораи сурхи панҷгӯша тимсоли якдилии меҳнаткашони ҷаҳон аст. Б. д.-и СССР дар рӯзи идҳои махсус дар болои биноҳои вазоратҳои марказӣ, муассисаҳои маҳаллии давлатӣ, идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятии мамлакат, дар сафоратхонаҳо, консулхонаҳо, биноҳои ҳайати намояндагии дипломатӣ ва намояндагии савдои СССР дар хориҷа, инчунин дар станцияҳои р. о., бандарҳои обӣ, вокзалҳо, киштиҳои ҳарбӣ ва флоти тиҷоратии СССР ва хонаҳои истиқоматӣ барафрошта мешавад. Ҳар як республикаи иттифоқӣ ва автономӣ Б. д. дорад. Тасвири он байрақҳо дар конституцияҳои республикаҳои иттифоқӣ ва автономии дахлдор дода шудааст.

Б. д.-и РСС Тоҷ. таҷассуми давлатдории РСС Тоҷ., нишонаи бо диг. республикаҳои баробарҳуқуқ дар Иттифоқи бародаронаи Республикаҳои Советии Социалистӣ ихтиёрӣ муттаҳид шудани РСС Тоҷ. ва нишонаи иттифоқи вайроннашавандаи коргарону деҳқонон дар муборизаи барои барпо намудани ҷамъияти коммунистӣ мебошад. Б. д.-и ҳозираи республикаи Тоҷикистон дар моддаи 132 Конституцияи РСС Тоҷ. ба тарзи зер тавсиф шудааст: Б. д.-и РСС Тоҷ. матоест, ки аз чор рахи рангоранги уфуқӣ иборат мебошад: рахи боло сурх буда, нисфи бари байрақро мегирад; рахи сафед панҷьяки бари байрақро ташкил медиҳад; рахи сабз даҳьяки бари байрақро мегирад ва рахи поён сурх буда, панҷьяки бари байрақро ташкил медиҳад. Дар рахи сурхи боло дар назди чӯби байрақ досу болғаи заррин ва дар болои онҳо ситораи сурхи панҷгӯшае воқеъ аст, ки зарҳал давонда шудааст. Нисбати бари байрақ ба қадаш 1 : 2 аст. Б. д.-и РСС Тоҷ. дар ҷойҳои зерин бардошта мешавад: а) дар болои биное, ки сессияи Советии Олии РСС Тоҷ. мегузарад — дар тамоми муддати давоми сессия; б) дар болои биноҳои Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ., Советии Вазирони РСС Тоҷ. ва комитетҳои ичроияи Советҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ — доимӣ; в) дар болои биноҳои вазоратҳо, идораҳо ва диг. муассисаҳои давлатӣ. инчунин дар болои биноҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар 8 март, 22 апр., 1 ва 2 май, 9 май, 7 окт., 7 ва 8 нояб.; г) дар болои биноҳои истиқоматӣ дар рӯзҳои ид ва воқеаҳои тантанавии диг. (бо амри Советии Вазирони РСС Тоҷ.; д) Б. д.-и РСС Тоҷ.-ро дар вақти маросим ва диг. маъракаҳои тантанавие, ки идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ мегузаронанд, низ барафроштан мумкин аст. Вақте ки Б. д.-и РСС Тоҷ. баробари Б. д.-и СССР барафрошта мешавад, андозаи Б. д.-и СССР бояд аз андозаи Б. д.-и РСС Тоҷ. хурд набошад.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 224—225.

Ад.: Маҷмӯаи Қонунҳои РСС Тоҷикистон 1936—1968, Д., 1970; Конституцияи РСС Тоҷикистон, Д., 1973.

«БАЙРАҚИ КОММУНИЗМ», ниг. *«Мубориз»*.

«БАЙРАҚИ ЛЕНИН», газета, органи комитети вилоятӣ ва комитети шаҳрии ПК(б) Тоҷ. ва Советии вилоятии депутатҳои меҳнаткашони Ӯротеппа. Аз с. 1946 то 1947 бо тиражи 1800 нусха ба забони тоҷикӣ ҳафтае як бор чоп мешуд. С. 1947 нашри он қатъ гардид.

«БАЙРАҚИ ЛЕНИН», газета, органи комитети районии ПК(б) Тоҷ. ва Советии депутатҳои меҳнаткашони р-ни Калининобод. Аз с. 1938 ба забони тоҷикӣ ҳафтае як бор бо тиражи 1800 нусха нашр мешуд. С. 1953 нашри он қатъ гардид.

«БАЙРАҚИ ЛЕНИНИЗМ», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Советии депутатҳои халқии р-ни Ҳисор. Аз с. 1934 ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ҳафтае се бор чоп мешавад. Аввал «Барои колхози большевикӣ» ном дошт. Аз № 17 (1451) 12 февр. 1953 газета ба «Ҳақиқати Ҳисор» табдил дода шуд. Аз 1 янв. 1960 номаш «Шӯҳрати Ҳисор» шуд. Аз 2 маи 1962 ба газета «Б. л.» ном доданд. Аз 21 сент. 1962 то 22 апр. 1965 дар баробари «Б. л.» бо номи «Ленинизм байроғи» ба забони ӯзбекӣ ҳам чоп мешуд. Адади нашри «Б. л.» 10400 нусха (1978) мебошад.

«БАЙРАҚИ ЛЕНИНӢ», журнал, ниг. *«Машъал»*.

«БАЙРАҚИ ОКТЯБРЬ», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Советии депутатҳои халқии р-ни Ғончӣ. Аз с. 1934 ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ҳафтае се бор чоп мешавад. Аввал газета «Шаҳристон большевики» ном дошт. Аз № 67 (908) 28 нояб. 1952 «Коммунизм учун» ном гирифт. Аз № 74 (915) 1 янв. 1953 номаш «Коммунизм» шуд. Аз с. 1960 то 1966 чопаш қатъ гардид. Аз № 1 — 1 янв. 1966 бо номи «Б. О.» мебарояд. Тиражаш 6600 нусха (1978).

БАЙРАҚИ СУРХ, рамзи муборизаи революционию озодихоҳӣ. Дар зери Б. с. ҳаракатҳои халқӣ дар а. 8 (шӯриши «Сурхаламдорон» дар Эрон), а. 16 (Ҷанги бузурги деҳқонон дар Германия) ва а. 17 ба вуҷуд омаданд. Бо Б. с. халқи Франция ба муқобили ҳокимияти шоҳ (1792) муборизаи бурд. Аз даврае шӯриши 5—6 июни 1832 дар Париж Б. с. ҳамчун рамзи хуни рехтаи халқ, байраки революция ва баъди Коммунаи Париж рамзи революцияи пролетарӣ ва ҳаракати революционии коргарии ҷаҳонӣ гардид. Б. с.-ро дар Россия аввалин бор с. 1861 деҳқонони шӯришбардоштаи губ. Пенза афрохтанд. Дар зери Б. с. аввалин маёвкаҳо, митингҳои коргарони корпартофта гузаштаанд. Б. с. дар баррикадаҳои Рев. 1905—07, дар даврае Рев. Февралии 1917 ҷилва мезад. Б. с. баъди ғалабаи Рев. Октябрь байраки давлатии Давлати Советӣ (Указ КИМ-и Умуминиттифоқ аз 14 апр. 1918) ва байраки ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳи он гардид. С. 1918 ордени Байраки Сурх чун мукофот барои хизматҳои ҷангӣ ва 1920 ордени Байраки Сурхи Меҳнат таъсис шуд (ниг. *Орденҳои СССР*). Дар даврае Ҷанги граждани (1918—20) қисм ва иттиҳодияҳои Армияи Сурх, Флоти Ҳарбии Баҳрӣ барои хизматҳои ҷангӣ бо Б. с.-и Фахрии Революционӣ (фармоиши Комиссариати халқии корҳои дохилӣ аз 3 авг. 1918) мукофотонида мешуданд. Коллективи муассиса ва колхозҳо барои ғалаба дар мусобиқаи социалистӣ бо Байраки сурхи сайёр мукофотонида мешаванд. Мувофиқи қарори КМ КПСС аз 4 янв. 1967 «Дар бораи тайёрӣ ба 50-солагии Революцияи Кабири Социалистии Октябрь» ба муносибати ҷашни Рев. Октябрь ҳамчун рамзи шарафи меҳнатӣ байрақҳои хотиравии КМ КПСС, Президиуми Советии Олии СССР, Советии Вазирони СССР ва ВЦСПС таъсис шуданд.

«БАЙРАҚИ СУРХ», газета, органи комитети партиявӣ ва комчроияи Советии депутатҳои меҳнаткашони р-ни Рошқалъа. Газета аз с. 1949 то 1959 бо тиражи 640 нусха ба забони тоҷикӣ ҳафтае ду бор чоп мешуд. С. 1959 чопи он қатъ гардид.

БАЙРАҚИ ҲАРБӢ, рамзи шаъну шарафи қисми ҳарбӣ. Дар қӯшунҳои Армияи Советӣ Б. ҳ. аз с. 1918 ҳаст. Июни 1926 КИМ ва СКХ СССР барои қисмҳои Аскарони Сурхи Коргару Деҳқон намунаи ягонаи байраҳро тасдиқ намуданд. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) Президиуми Советии Олии СССР намунаи нави Байраки Сурхи қисмҳои ҳарбиро тасдиқ намуд (Указ аз 21 дек. 1942). Байраки қисмҳо (иттиҳодияҳо) аз матои сурх, чӯбдаста ва ресмони пӯпакдор иборат аст. Ба Б. ҳ. орденҳои

СССР (агар бо онҳо қисм мукофотонида шуда бошад) часпонда мешаванд. Киштиҳои ҳарбии баҳрии СССР Б. ҳ. доранд, ки рангаш сафед буда, аз поёнаш рахи кабуд дорад. Байрақ баъди ташкил ёфтани қисм аз номи Президиуми Совети Олии СССР дода мешавад ва дар сурати талаф шудани он командири қисм ва диг. шахсони масъул ба суди трибунали ҳарбӣ кашида шуда, қисми ҳарбиро пароканда мегардонанд. Байрақ барои тамоми хизматчиёни қисм азизу муқаддас аст. Б. ҳ. ҳамеша посбонӣ карда мешавад.

БАЙРАҚҲОИ СӮРХИ САЙЁР, дар СССР яке аз шаклҳои мукофотонидани ғолибони мусобиқаи социалистӣ. Б. с. с.-и Совети Вазирони СССР, ВЦСПС, вазоратҳо ва КМ иттифоқҳои касаба барои коллективи корхонаҳои иштирокчии мусобиқаи социалистии умуминиттифоқӣ таъсис шудааанд. Вазоратҳо, муассисаҳои СССР ва КМ иттифоқҳои касаба метавонанд бо иҷозати Комитети Давлатии Совети Вазирони СССР оид ба масъалаҳои меҳнат, музди кор ва ВЦСПС Б. с. с.-ро барои ғолибони мусобиқаи социалистии ин вазоратҳо ва муассисаҳо таъсис диҳанд. Органҳои хоҷагӣ ва иттифоқи касаба низ барои ғолиби мусобиқаи дохилизаводӣ—цехҳо, участкаҳо, сменаҳо ва бригадаҳо Б. с. с. таъсис медиҳанд. Меъёри муайян кардани ғолибони мусобиқаро (ба онҳо Б. с. с. супорида мешаванд) Совети Вазирони СССР ва ВЦСПС бо қарори худ аз 30 дек. 1959 ва аз 22 янв. 1966 муқаррар кардаанд. С. 1966 барои мукофотонидани колхозҳо, совхозҳо, районҳо, вилоятҳо, кишварҳо, республикаҳои автономӣ ва иттифоқӣ, ки дар мусобиқаи социалистии умуминиттифоқӣ оид ба х. қ. ғолиб омадаанд, Б. с. с. таъсис карда шудааст (қарори Совети Вазирони СССР ва ВЦСПС аз 28 июли 1966).

Б. с. с. ҳамроҳи мукофотҳои пулӣ аз рӯи натиҷаи кори кварталӣ ва солона дода мешаванд. Дар бисьёр мамлакатҳои социалистии хориҷӣ барои ғолибони мусобиқаи социалистӣ низ Б. с. с. таъсис шудааст. Дар РСС Тоҷ. бо указии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. аз 12-уми нояб. 1941 Б. с. с.-и Президиуми Совети Олии республка таъсис шудааст. Ба ин указ 20-уми марти 1944 баъзе иловаҳо дароварда шуд.

Дар республика (янв. 1978) 183 Б. с. с. бо 212 мукофоти пулӣ (Б. с. с.-и Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ., 4 Б. с. с.-и КМ ПК Тоҷикистон, Президиуми Совети Олӣ, Совети Вазирон ва Иттифоқҳои касабаи РСС Тоҷ., 67 Б. с. с.-и КМ ПК Тоҷикистон, Совети Вазирон, Иттифоқҳои касаба ва КМ ЛКСМ Тоҷикистон, 4 Б. с. с.-и КМ ПК Тоҷикистон, Совети Вазирон ва Иттифоқҳои касабаи РСС Тоҷ., 11 Б. с. с.-и КМ ПК Тоҷикистон ва Совети Вазирон, 35 Б. с. с.-и Совети Вазирон ва Иттифоқҳои касаба, 61 Б. с. с.-и вазоратҳо (идораҳо) ва Комитетҳои республикавии иттифоқи касабаи коргарони соҳаҳои дахлдори хоҷагии халқ) мавҷуд аст. *В. К. Посулиди.*

БАЙРОН (Byron) Ҷорҷ Ноэл Гордон (22. 1. 1788, Лондон — 19. 4. 1824, Миссолунги, Юнон), шоири англис, намояндаи романтизми революционӣ. Дар Ун-ти Кембриҷ ҳондааст. С. 1807 маҷмӯаи «Сооти фароғат» ва достони ҳаҷвии «Бардҳои англис ва мушоҳидони шотланд»-ро нашр кард. Б. бисьёр саёҳатҳо кардааст. Дар достони «Зиёрати Чайльд Гарольд» (1812—18) Б. муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Ҷанубу Шарқи Европаро васф карда, образи шӯришгар, оворааи дилсарду танҳоро офаридааст, ки дар адабиёт бо номи «қаҳрамони байронӣ» шӯҳрат дорад. Дар як силсила достонҳои «Шарқӣ» (1813—16) образҳои романтикии шӯришгарони собиқадам ва саркашро офаридааст («Габр», «Арӯси абидоссӣ», «Корсар», «Ғоратгар», «Лара», «Муҳосираи Коринф»). Дар матбуот ва парламент Б. ба муҳофизати лудитҳо — коргароне, ки чун эътирози ичтимоӣ мошинҳоро вайрон мекарданд, бармехест. С. 1818 Б. маҷбур шуд, ки Англияро тарк кунад. Дар достони пур аз драматизми «Манфред» (1817) ва мистерияи «Каин» (1821) дилсардии амиқе ифода шудааст. Достонҳои «Пайғамбарии Данте» (1819), «Рӯъёи рӯзи ҷазо» (1822), «Асри биринҷӣ» (1823) ҳаҷвияҳое мебошанд ба реакцияи европоӣ. Дар достони нотамоми «Дон-Жуан» (1818—24) ҳаҷви ичтимоӣ мавқеи бештаре пайдо карда, ҷои романтизмро реализм гирифтааст. Б. дар ҳаракати революционии карбонарҳои Италия ва муборизаи миллии озодихоҳии ватанпарастони Юнон иштирок намуда, дар ҳамон айём аз табларза вафот кардааст. Баъзе шеърҳои Б. ба тоҷикӣ тарҷума шуда дар саҳифаи газетаву журналҳо ба табъ расидаанд.

Ад.: Кургинян М., Джордж Байрон, М., 1958; Ҳабиб Юсуфӣ, Пушкин ва Байрон, дар кит. у «Рохи нотамом», Д., 1973.

БАЙТ (ар. بيت — хона), воҳиди шеър, ду мисраи ба ҳам алоқаманд ва мустақилмаъно, хоҳ ҳамқофия бошад, хоҳ не. Дар назми даҳанакии халқии тоҷик Б. як намуди жанри лирикист, ки аз ду мисраи ҳамқофия иборат буда, бештар дар кӯҳистони саргаҳи дарьёи Зарафшон маълум аст. Б.-ҳои халқӣ ҳам ба вазни ҳиҷо ва ҳам арӯз эҷод шуда, ташбеҳ ва рамзу истиора дар онҳо нисбатан бештар истифода мешаванд. *Р. Амонов.*

БАЙТАЛ, аспи мода. Ниг. низ *Асп.*

БАЙТБАРАК, навъе аз мусобиқаи шеърдонӣ, ки аз қадим дар маҳфилҳои шоирон, шеърдӯстон ва умуман хонандагон ташкил мешуд. Тартиби гузаронидани Б. чунин аст: як нафар аз иштироккунандагони бозӣ байте ё рубоие мехонад. Дигаре дар ҷавоби ӯ байте бояд хонад, ки бо ҳарфи охирини байти пешина оғоз гардад. Дар Б. касе ғолиб меояд, ки байташ беҷавоб монад. Б., ки ҳоло ҳам дар ривоҷ аст, барои бештар аз ёд кардани шеър ва мустаҳкам шудани хотира аҳамият дорад. *Р. Амонов.*

БАЙТИ ВОСИЛА بيت واصله байтҳои такроршавандае, ки дар байни ҳиссаҳои тамомшудаи шеър (бандҳо) омада, ягонагии мазмун ва алоқаи байни бандҳоро таъмин мекунанд. Дар назми тоинқилобии тоҷик Б. в. танҳо дар тарҷеъбанд дучор меояд. Дар адабиёти советии тоҷик шаклҳои нави шеъриё пайдо шудаанд, ки ба тарҷеъбанд монанд буда, ҳар байти онҳо аз се, чор, панҷ ва бештар мисраъҳои мухталифқофия иборат аст. Баъзе аз ҳар банди ин қабил шеърҳо байтҳои такроршавандае меоянд, ки Б. в. ном дошта, аз чиҳати шакл ба тарҷеъбандҳои адабиёти классикӣ алоқае надоранд. Шеърҳои «Ба модар — ба Ватан» ва «Симурғи пӯлодин мо»-и А. Деҳотӣ, «Оҳанрабо»-и М. Турсунзода, «Ба зиёрати доҳӣ»-и М. Раҳимӣ, ки ҳар банди онҳо мутаносибан аз се, чор, шаш ва ҳашт мисраъ иборатанд, дорои Б. в. мебошанд.

Ад.: Зехнӣ Т., Санъати сухан, Д., 1967. *С. Давронов.*

БАЙТОРӢ, ниг. *Ветеринария.*

БАЙТУЛМУҚАДДАС, ниг. *Иерусалим.*

БАЙЪОНА, маблағи пулие, ки пешакӣ аз тарафи яке аз аҳдупаймонкунандагон барои тасдиқи шартномаи басташуда ва барои таъмини ичрои ӯҳдадорӣ дода мешавад (мод. 221 КГ РСС Тоҷ.). Шарти Б. сарфи назар аз маблағи пулии он, ба шакли хаттӣ бояд баста шавад. Б. дар ичрои ӯҳдадорӣ се функцияро ичро мекунад: 1) таъмини ичрои ӯҳдадорӣ; 2) далел барои бастани шартнома; 3) адо кардани пардохт. Агар барои ичро накардани шартнома байъонадиҳанда айбдор бошад, Б. ба манфиати байъонагиранда мемонад. Агар барои ичро накардани шартнома байъонагиранда айбдор бошад, вай ӯҳдадор аст, ки маблаги Б.-ро ду баробар зиёд пас гардонда диҳад. Агар дар шартнома диг. ҳолат пешбинӣ нашуда бошад, тарафи ҷавобгар ба замми ичрои ӯҳдадорӣ товони зарарро ҳам медиҳад. *Ш. Тағойназаров.*

БАЙҲАҚӢ بيهقى Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Котиб (тақр. 996, маҳалли Байҳаки шим. ғарби Хуросон — 1077, ҳамон ҷо), муаррих, олим ва дабир. Тақрибан с. 1021 ба девони сафорат ба кор дарома-

да, зиёда аз 20 сол хизмат намуд. Солҳои охир дар дарбори султон Масъуд хизмат кард. Баъди қатли Масъуд аз вазифа дур карда шуд, вале дар аҳди султон Абдуррашид (1049—53) ба вазифааш барқарор ва сардори девони сафорат шуд. Айёми пирӣ асари асосии худ *«Таърихи Байҳақӣ»*, ё худ «Таърихи Масъудӣ»-ро дар 30 ҷилд таълиф намуд, ки на ҳамаи ҷилдҳояш то замони мо расидаанд. Қисми асар (ох. ҷилди 6, ҷилдҳои 7—9 ва қисми ҷилди 10), ки ҳаёт ва фаъолияти Масъудро дар бар мегирад, дастраси мо шудааст. Порчаҳо аз ҷилдҳои аввал дар асарҳои *Ҷузҷонӣ* (а. 13) ва *Ҳофизи Абрӯ* (а. 15) дучор мешаванд. Асари диг. Б. доир ба одоби китобат «Зинат-ул-китоб» ном дошт, ки он мутаассифона то замони мо нарасидааст. *А. Билолов.*

БАЙҲАҚИ بيهقى Заҳируддин Абулҳасан Алӣ ибни Зайд (1106, Сабзавор, музофоти Байҳақ — 1174, ҳамон ҷо), муаррих, мунаҷҷим, математик, табиб ва шоир. Аз оилаи ҳакимони машҳури Фундуқ. Оилаи онҳо бо муаррих Табарӣ қаробат дошт. Дар Нишопур, Марв, Рай таҳсил намуда, илмҳои замонро аз худ кард. Бо падараш Умари Хайёмро зиёрат намудааст. С. 1148 Б.-ро Султон Санҷар ба дарбор таклиф намуд. Доир ба шеър, тибб, наботот, риёзиёт мувофиқан асарҳои «Китоб-ул-арӯз» («Китоб дар боби арӯз»), «Китобу атъимат-ил-марзо» («Китоби хӯроки беморон»), «Китобу асоми-ил-адвия ва хавосийҳо ва манофийҳо» («Китоби номи давоҳо ва манфиати онҳо»), «Китоб фи-л-ҳисоб» («Китоб дар боби ҳисоб») ва ғ.-ро таълиф кард. Ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ ҷамъ 74 асар эҷод намудааст. Машҳуртарини онҳо «Таърихи Байҳақӣ» давоми «Сивон-ул-ҳикма» («Хазинаи ҳикмат»)-и Абӯсулаймон ас-Сиҷистонӣ ва низ «Машориб-ут-таҷориб фи таворих» («Роҳҳои таҷриба дар таърих») мебошанд. Асари якум воқеаҳои таърихии а-ҳои 11—12-ро дар бар мегирад. Маълумоти тарҷумаиҳолии Б. дар асари дуюми ӯ зикр ёфтааст. *А. Билолов.*

БАК (Buck) Тим (тав. 6. 1. 1891), ходими ҳаракати коммунистӣ ва коргарии Канада. Дар Британияи Кабир таваллуд ёфтааст. С. 1910 ба Канада ҳиҷрат кардааст. С-ҳои 1921—29 котиби Лигаи ягонагии иттифоқҳои касабаи Канада. Июни 1921 яке аз ташкилотчиёни Партияи Коммунистии Канада (ПКК). Июни 1929 — янв. 1962 котиби генералии партия. Борҳо ҳабс шудааст. С-ҳои 1935—43 аъзои Комитети Иҷроияи Интернационали Коммунистӣ. Аз с. 1962 раиси Партияи Коммунистии Канада. С. 1971 бо ордени Революцияи Октябрь мукофотонида шудааст.

БАКАВӮЛ, деҳа дар С. қ. Айнии р-ни Ленин. Терр. к-зи «Коминтерн». Дар сари роҳи Душанбе—Варзоб воқеъ аст. Аз Б. то маркази С. қ. 1 км., то маркази район 38 км. Аҳол. 659 наф. (1976), тоҷикон. Соҳаҳои хоҷагӣ — ғаллаю тамокукорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Харангон обьёрӣ мешаванд.

БАКАЛА́ВР (лот. baccalarius — мулк), унвони нахустини илмӣ дар ун-тҳои асримиёнагӣ. Б. ҳоло дар мактабҳои олии баъзе мамлакатҳо боқӣ мондааст (мас., дар ШМА, Англия). Дар як қатор мамлакатҳои диг. (мас., Франция) шахсеро Б. гӯянд, ки соҳиби дипломи мактаби миёна буда, ҳуқуқи ба ун-т дохил шудан дорад.

БАКЕЛИ́Т [аз номи ихтироъкори он — химики бельг.-амер. Л. Бакеланд (L. Baekeland, 1863—1944)], номи собиқи зифтҳои фенолформальдегид ва масолеҳи дар асоси онҳо тайёршуда. Зифтҳои мазкур ҳангоми ба альдегиди формиат таъсир кардани *фенол* (бо иштироки катализаторҳои ишқорӣ) ҳосил мешаванд.

БАКОРО́Н, деҳа дар С. қ. Симиганҷи р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Орҷоникидзеобод». Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то маркази район 13 км, то роҳи мошингарди Душанбе — Ромит 3 км. Аҳол. 824 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, пункти тиббӣ, магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Симиганҷ обьёрӣ мешаванд.

БАКРО́Н بكران Муҳаммад ибни Наҷиб (ох. а. 12, авв. а. 13), географ, картограф. Ҳаёташ дар Хуросон (тахминан дар Тӯс ва атрофи он) гузашт. Б. с. 1209 бо номи «Ашколи ақолим» харитаи рангаи оламро дар рӯи матоъ кашидааст. Мутаассифона харита то замони мо нарасидааст. Аммо дастнависи эзоҳоти харитаи мазкур бо унвони «Ҷаҳоннома» боқӣ мондааст. Мувофиқи маълумоти «Ҷаҳоннома» харитаи Б. ранга буда, аломатҳои шартӣ доштааст; шаҳрҳо бо доирачаҳои хурд, баҳрҳо ранги сабз, дарьёву сойҳо сурхи баланд, шохобҳо нилобӣ, кӯҳҳо сурхи чигарӣ, биёбону регзорҳо зардчатоб, барфҳои доимии Шимол бо ранги сафед, номҳо бо ранги сурх ишора шудаанд. Дар харита хатҳои тӯлу арз тасвир ёфтаанд. Дар «Ҷаҳоннома» номи 600 маҳал шарҳу эзоҳ дода шудааст. Б. ҳангоми тартиб додани харита ва навиштани китоби мазкур осори географҳо, астрономҳо ва муаррихони гузашта — Хурдодбеҳ, Абӯрайҳони Беруни, Истахрӣ, Носири Хисравро истифода бурдааст. *Ю. С. Мальцев.*

БАКТЕРИОЛО́ГИЯ (аз *бактерияҳо* ва *...логия*), як соҳаи *микробиология*, ки бактерияҳоро меомӯзад. Б.-и умумӣ тасниф, морфология, физиология, биохимия, ирсият, таҳаввул, дар табиат паҳншавии бактерияҳоро; Б.-и тиббӣ ва ветеринарӣ биологияи бактерияҳои касалиовар, усулҳои ҷудо карда гирифтани онҳо, ташхиси беморӣ ва ҳодисаи *масуниятро*; Б.-и хоҷагии қишлоқ роли бактерияҳоро дар ҳосил шудани структураи хок ва ҳосилхезии он, коркарди маҳсулоти х. қ. (силосонӣ, туршонидан ва ғ.); Б.-и техникӣ (саноатӣ) роли бактерияҳоро дар процесси ҳосилшавии спирт, кислотаҳои органикӣ, фермент, аминокислота ва ғ. меомӯзад. Таърихи тараққиёти Б.-и назариявию амалӣ дар РСС Тоҷ. бо ташкили Ин-ти тадқиқоти илмии санитарию бактериологӣ дар Ш. Душанбе (1932) алоқаманд аст. Дар ин ин-т шӯъбаи бактериология таъсис ёфта буд, ки ҳоло дар республика маркази илмӣ-методӣ ҳисоб мешавад. Дар шӯъба таъсири тарафайни бактерияю вирусҳо, соддатаринҳо дар системаи меъдаю рӯда ва таъсири биоценозҳо ба давомияти беморихо мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Баробари ба баъзе усулҳои тадқиқӣ ва генетикӣ тағйироти муҳим даровардан, хусусияти шаклҳои тағйирёфтаи бактерияи исҳоли хунинро муайян намуда, бемории сальмонеллёзовар ва роҳҳои дигари паҳн гардидани беморихои сироятӣ омӯхта шудааст. Дар республика филиали умуминиттифоқии Ҷамъияти микробиологу эпидемиологҳо (1948) мавҷуд буда, дар ҷамъомаду конференцияҳои он олимону кормандони соҳаи Б. мунтазам иштирок менамоянд.

Ад.: Фробишер М. Основы микробиологии, М., 1965. *М. Каюмова.*

БАКТЕРИОФАГҲО́ (аз *бактерияҳо* ва юн. phágos — хӯранда; бактерияхӯр), фагҳо, вирусҳои бактериявӣ, ки бактерияҳо ва диг. микроорганизмҳоро вайрон (лизис) мекунанд; кушандаи бактерияҳо. Б. дар рӯдаи одам ва ҳайвонот, дар растанӣ, дар хок, обанборҳо, обҳои равон, пору ва ғ. вомехӯранд. Аксари Б. аз қисмҳои сарак ва пояча (ниг. расм) иборатанд. Сараки Б., ки бо пардаи сафеданок пӯшида шудааст, асосан молекулаҳои КДН (кислотаи дезоксирибонуклеин) ё КРН (кислотаи рибонуклеин) дорад. Пояча бо ғилофи сафеданок иҳота шудааст. Б. бо пояча ба ҳуҷайраи бактерия часпида, пардаи онро ҳал менамоянд ва ба он ҷо КДН ворид мекунанд. КДН-и воридшуда механизмҳои ҳуҷайравиро идора карда, онҳоро барои синтез намудани моддаҳои нави фагӣ водор мекунад. Б. бо ҳамин роҳ меафзоянд. Аксари Б. хусусияти ба худ хеле хос доранд; танҳо ба ҳуҷайраҳои ягон намуди муайяни микроорганизмҳо таъсир мекунанд (монофагҳо). Б.-е низ мавҷуданд, ки ҳуҷайраи намудҳои гуногуни микроорганизмҳоро вайрон карда метавонанд (полифагҳо). Б.-ро ба вирулентӣ (бавуҷудорандаи лизиси ҳуҷайраҳо) ва мӯътадил (лизисро ба вуҷуд наоварда, дар ҳуҷайра дар шакли ниҳонӣ, бесироятӣ мемонанд) ҷудо мекунанд. Б. дар тағйирь-

ёбӣ ва таҳаввули микробҳо роли калон мебозанд, ба процессҳои микробиологӣ дар хок ва атмосфера, ба



Схемаи сохти бактериофаг: 1—сарак; 2 — пардаи сафеданок; 3 — КДН; 4 — меҳвари пояча; 5 — ғилофи берунии пояча; 6—торҳои пояча.

заҳрнокӣ ва хосиятҳои антигении бактерияҳои беморианге з ва ғ. таъсир мекунанд. Ҳоло Б.-ро барои муайян кардани намудҳои бактерияҳо, актиномицетҳо ва барои корҳои назариявии генетикӣ ва биологияи молекулярӣ васеъ истифода мебаранд. Б. барои пешгирию муолиҷаи баъзе беморӣҳои сироятии бактериалии одам ва ҳайвонот низ истифода мешаванд. Б. аз сабаби ҳуҷайраҳои бактерияҳоро вайрон карданашон ба истеҳсоли антибиотикҳо, аминокислотаҳо ва диг. соҳаҳои синтези микробиологӣ зарар расонда метавонанд.

БАКТЕРИЦИДҲО, ниг. *Пестицидҳо.*

БАКТЕРИЯҲО (юн. baktērion — чӯбча), организмҳои микроскопии асосан якҳуҷайра. Б. чӯбчашакл, курашакл (коккҳо), спиральшакл (спириллаҳо, спирохетаҳо), вергулшакл (вибрионҳо) ва ғ. (ниг. расм) мешаванд. Андозаи Б. аз 0,8 мкм то 20 мкм мешаванд. Б. бо пардаи ҳуҷайравӣ ва мембранаи цитоплазмавӣ пӯшида шуда, цитоплазмаи қабат-қабат, дона-дона ва найчашакл доранд. Ҳуҷайраи Б. аз моддаи ядроии аз КДН таркибёфта ва рибосома, ки дар таркибаш КРН дорад, сохта шудааст. Б. ба воситаи қамчинакҳо (як навъ ҳуҷайраҳои патмонанд) ё кашишхӯрии фаъолона ҳаракат мекунанд; бисьёр намудашон беҳаракатанд. Аз рӯи ҷойгиршавии қамчинакҳо Б.-и монотрих, амфитрих, лофотрих ва перитрих мешаванд. Б. ҳамчун сапрофитҳо (аз моддаҳои гуногуни органикии боқимонда) ё ҳамчун паразит (ниг. *Паразитизм*) ғизо мегиранд; баъзе намудҳои Б. (*азотобактер*) аз моддаҳои ноорганикӣ моддаҳои органикӣ ҳосил мекунанд. Вобаста ба тарзи нафаскашӣ Б.-ро ба *аэробҳо*, микроаэрофилҳо (дар вақти паст шудани фишори парциалии оксиген инкишоф меёбанд) ва *анаэробҳо* (анаэробҳои ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ) чудо мекунанд. Дар процесси инкишоф Б. ба муҳити атроф ферментҳои зиёд хориҷ мекунанд ва бо тарзи ба кӯндалангӣ тақсимшавӣ ва баъзан ба воситаи муҷаҳандӣ афзоиш мекунанд. Баъзе намудҳои Б. структураи муҳофиз ҳосил мекунанд (дар организм ба шакли капсула ва дар муҳити атроф ба шакли бациллаҳо). Тағйирпазирӣ, қобилият ба адаптация ва устуворӣ бар зидди таъсири зарарнок дар Б. назар ба диг. организмҳо зиёдтар аст. Ба Б. антагонизми байниҳамдигарӣ ва антагонизм бо диг. микроорганизмҳо инчунин *симбиоз* хос мебошад. Бактериофагҳо вирусҳои Б.-анд. Гурӯҳҳои асосии Б. актиномицетҳо, спирохетаҳо, миксобактерияҳо, хламидобактерияҳо, микоплазмаҳо ва ғ. мебошанд. Б. дар хок, об, ҳаво, дар организми одам ва ҳайвонот мавҷуд буда, дар гардиши моддаҳо дар табиат, пурракунии захираи гази карбонат (CO_2) дар атмосфера ва нуриҳои минералии нитрогендор дар хок, ки барои ҳаётгузаронии растаниҳо заруранд, роли калон мебозанд. Фаъолияти баъзе Б. барои гирифтани антибиотикҳо, фермент, витамин, спирт, кислотаҳои органикӣ, ацетон ва диг. маҳсулот, инчунин дар коркарди пахта, абрешим, қаҳва, каучук, силосонии хӯроки чорво ва ғ. истифода мешавад. Баъзе намудҳои Б. боиси пӯсиш ва турштавии маҳсулоти озуқавӣ ва диг. навъҳои маҳсулот мегарданд. Бисьёрии Б. ангезандаи беморӣҳои одам (сил, тифи шикам ва ғ.), ҳайвонот (сӯхтанӣ) ва растанӣ (пӯсиши картошка ва ғ.) мебошанд. Баъзе Б.-и касалиовар ва токсини онҳоро барои тайёр кардани вакцина ва зардоби табобатӣ истифода мебаранд. Бар зидди Б.-и касалиовар ба воситаи асептика ва антисептика ва

Бактерияҳои коккшакл: 1 — микрококк, 2 — диплококк, 3 — стрептококк, 4 — сарцина, 5 — стафилококк; қамчинакҷойгиршавӣ: 6 — монотрих, 7 — амфитрих, 8 — лофотрих, 9 — перитрих; ҳоҳосилшавӣ: 10 — бе тағйирёбии шакли ҳуҷайра, 11 — клостридияҳо, 12 — плектридияҳо; Б.-и каччак: 13 — вибрионҳо, 14 — спириллаҳо, 15 — спирохетаҳо.



1042 1043 1044

истифодаи моддаҳои бактериостатикӣ ва бактериоцидӣ муборизa мебаранд. Ниг. низ *Бактериология*.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 368—369.

БАКУЛЕВ Александр Николаевич (7. 12. 1890, Невениковскаяи вил. Саратов — 31. 3. 1967, Москва), ҷарроҳи советӣ, Ходими Хизматнишондодаи Илми РСФСР (1946), акад. АФ СССР (1958), аъзои ҳақиқӣ (1948) ва президенти АИТ СССР (1953—60), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1960). Фак-ти тиббии Ун-ти Саратовро хатм карда (1915), аз с. 1919 дар клиникаи ҷарроҳии ҳамин ун-т бо роҳбарии ҷарроҳи намоёни советӣ С. И. Спасокукоцкий ординатор шуда кор кардааст. Ӯ аз с. 1926 дар Ин-ти тиббии ба номи Н. И. Пирогови ш. Москва кор карда, аз с. 1943 ба кафедраи ҷарроҳии ҳамин ин-т роҳбарӣ мекард. Аз с. 1955 ба Ин-ти ҷарроҳии қафаси сина, ки ташкилкунандааш худи ӯ буд (ҳоло Ин-ти ҷарроҳии ба номи А. Н. Бакулев) роҳбарӣ мекард. Усулҳои ҷарроҳии гурда, шуш, дил, устухон, бемориҳои захмнок ва ғ.-ро кор карда баромад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ усули бо ҷарроҳӣ муолиҷа намудани захми аз яроқҳои оташфишон пайдошударо ҷорӣ кард. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1949) ва Мукофоти ленинӣ (1957). Бо 3 ордени Ленин ва дигар ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Консервативное лечение абсцессов мозга (пункциями), М.-Л., 1940; Врождённые пороки сердца. Патология, клиника, хирургическое лечение, М., 1955 (ҳаммуал. бо Е. Н. Мешалкин).

БАКУ́НИН Михаил Александрович (30. 5. 1814, уезди Новоторжский, губ. Тверь — 1. 7. 1876), революционери рус, яке аз асосгузорон ва назариётчиёни анархизм ва халқчиёнӣ. Аз оилаи помещик. Дар Омӯзишгоҳи артиллерии Петербург таҳсил кард. Баъди хизмати офицерӣ ба истеъфо баромад (1835). Дар кружоки Н. В. Станкевич иштироки фаъолона дошт. С. 1840 ба хориҷа (Германия, Швейцария, Бельгия, Франция) рафт, яке аз роҳбарони шӯриш дар Дрезден (1849) буд, ки баъди пахши он аввал ба қатл, сонӣ ба ҳабси якумра ҳукм шуд. С. 1851 ҳукуматдорони Австрия ӯро ба ҳукумати Россия супурданд. То с. 1857 ҳабс, баъд бадарға гардид. С. 1861 вай ба хориҷа (Лондон) гурехт. С. 1864 Б. ба Интернационали I дохил гардид, вале с. 1872 барои фаъолияти ихтилофандозиаш аз он хориҷ карда шуд. Б. ҳамчун анархист ба муқобили марксизм баромада, муборизаи сиёсии синфи коргар, зарурати давлат ва диктатураи пролетариатро инкор кард. Таълимоти ӯ дар таърих бо номи бакунизм маълум аст.

БАЛАБО́Н, асбоби мусиқии нафасии Осиёи Миёна, Кавказ ва Шарқи хориҷӣ. Б. аз тана, найчаи танзим, сарпӯшак ва ғ. таркиб ёфтааст. Танаи он 8 сӯрохӣ дошта, 7-тои он дар қисми болоии тана ҷойгир шудааст. Дарозиаш 28—30 см, аз чӯбҳои тут, зардолу ва чормағз сохта мешавад. Диапазонаш аз «соль»-и хурд то «до»-и октаваи дуюм. Садояш фораму нафис, аксар дар ҳолати якка (соло) ва баъзан бо ҳамовозии асбобҳои мусиқии зарбӣ (нақора, дойра, даф, таблак) навохта мешавад.

БАЛА́КИН Николай Пименович (1922, деҳаи Самодуровкаи р-ни Черкаси вил. Саратов — 1955, Душанбе), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1945), лейтенанти калони гвардия. С. 1932 дар р-ни Колхозобод зиндагӣ карда, мактаби миёнаи ба номи Горькийро хатм намуд. Дар райпои Ворошиловобод, баъд дар МТС-и Ленингради р-ни Панҷ бухгалтер шуда кор кард. Дар фронт аз с. 1942. Командири собиқ ротаи дивизияи 39-уми тирандозии гвардиягӣ. Апр. 1945 ҳангоми аз д. Шпрее гузаштан Б. бо гурӯҳи худ аввалин шуда ба соҳили рост расид ва гарнизони душманро, ки кӯпрукро посбонӣ мекарданд, қир кард. Дар натиҷаи ин подразделениҳои Армияи Советӣ ба канори Берлин баромаданд. Бо мақсади нест кардани баррикадаҳо Б. ба ақибгоҳи душман гузашта, бо ҳамлаи ногаҳонӣ онҳоро маҳв намуд. 30 гитлерчӣ қатл ва 68 нафр. асир гардид. Баъди хизмат ҷонишини директори з-ди чармгарии Душанбе буд. Бо орденҳои Ленин, Александр Невский, Ҷанги Бузурги Ватанӣ дараҷаи 1-ум ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ад.: Сечкина Л. П., Фарзандони шарафманди Тоҷикистон, Д., 1968.

БАЛА́КИРЕВ Милий Алексеевич (2. 1. 1837, Новгород — 29. 5. 1910, Петербург), бастакор, пианинанавоз, дирижёр ва таргиботчии мусиқии рус. Аввали с-ҳои 60-ум дар Петербург бо роҳбарии Б. кружоки мусиқӣ ташкил шуд, ки он таҳти унвонҳои «Мактаби нави мусиқии рус», «Маҳфили Балакирев», «Тӯдаи муқтадир» машҳур аст. Б. с. 1862 бо ҳамкории дирижёр Г. Я. Ломакин мактаби бепули мусиқӣ ташкил намуд, ки он минбаъд ба маркази оммавии таълимот ва таргиботи мусиқии рус табдил ёфт. Б. с-ҳои 1867—69 сардирижёри Ҷамъияти мусиқии рус буд. Б. асарҳои «Увертюра ба се мавзӯи русӣ» (1858), увертюраи дуюм ба се мавзӯи русии «1000 сол» (1862, дар таҳрири минбаъда — достони симфонии «Русь», 1887, 1907), увертюраи чехӣ (1867) ва ғ.-ро эҷод карда, дар онҳо анъанаҳои Глинкаро давом додааст. Мавзӯи асосии эҷодиёти Б. ҳаёти халқ аст. Образҳои халқӣ, манзараҳои табиати рус ва ҳаёти халқи онро дар аксари асарҳояш таҷассум намудааст. Б. ипчунин ба санъати мусиқии Шарқ (Кавказ) ва маданияти мусиқии мамлакатҳои диг. (Польша, Чехия, Испания) мароқ дошт. Асосии эҷодиёти Б.-ро мусиқии инструменталӣ (симфонӣ ва фортепьянӣ) ташкил мекунад. Намунаи беҳтарини достони симфонии Б. «Тамара» (1882, аз рӯи шеъри ҳамномии Лермонтов) аст. Б. асосгузори симфонияи эпикии рус. Симфонияи 1-уми худро с. 1898, 2-юмро с. 1908 эҷод кардааст. Б. яке аз офарандагони услуби нави мусиқии фортепьянии рус мебошад. Асари беҳтарини фортепьянии Б. фантазияи шарқии «Исламей» (1869) аст. Б. романс ва сурудҳо низ навиштааст.

БАЛАКО́ВО, шаҳр дар вил. Саратови РСФСР. Истгоҳи киштиҳо дар соҳили чапи д. Волга, 7 км дуртар аз ст. р. о. Балаково. Аҳол. 140 ҳаз. нафр. (1977). З-дҳои мошинсозӣ, таъмири киштӣ, комб. нахи синтезӣ, саноати хӯрокворӣ ва масолеҳи бинокорӣ дорад. С. 1967 ГЭС-и Саратов ба кор даромад. Фак-ти умумитехникии Ин-ти политехникии Саратов, техникуми технологияи химия, Хона-музеи В. И. Чапаев мавҷуданд. Б. нимаи дуюми а. 18 буньёд ёфта, аз с. 1913 шаҳр аст.

БАЛАЛИКТЕППА́, кӯшки а-ҳои 5—7 дар масофаи 30 км шим. Тирмиз. С-ҳои 1953—55 Л. И. Альбаум тадқиқ намуд. Баландиаш 10 м, пойдевори кӯшк чоркунҷаи похсагин (30×30 м), ки дар сатҳи он 14 хона ҷой гирифтааст. Гирди он бо девор иҳота шуда буд. Як кунҷи девор манорае дошт, ки он вазифаи даромадгоҳро низ иҷро мекард. Дар а. 6 дар саҳни ҳавлӣ хонаҳои нави маросимӣ сохта шуданд. Аз хонаҳо зарфҳои сафолин: кӯза, табақ, коса, ҷомҳо, боқимондаҳои асбобҳои мусиқии чӯбин, тавқи шиша-гин бо акси зане, ки кӯдак мемаконад, ёфт шуд. Боми хонаҳо ҳамвор,

Балаликтеппа. Девори Ҷанубӣ.

болорҳои чӯбини он кандакорӣ шуда буд. Хонаи диг. низ суфаҳо дошт. Дар девори он нақши маросими меҳмонпазирӣ ва ё маросими динӣ бо рангҳои гуногун кашида шудааст. Дар он 28 марду зани ба рӯи қолин нишаста акс гардидааст. Мардҳо бо либосҳои қиматбаҳо, камарбандҳои заррини корд овехта шуда, дар пояшон маҳсӣ, бо гарданбанд ва ангуштарини тилло, дар дасташон ҷом ва оина тасвир ёфтаанд. Занҳо низ бо либосҳои қиматбаҳои гулдори ҳарир, гӯшвор, дастпона, ангуштарин ва гарданбандҳои тилло, дар даст ҷом ва оина акс гардидаанд. Дар паси онҳо акси 12 хизматгори бодбезак ба даст намудор аст, ки ду баробар хурд тасвир шудааст. Ин як намуди инъикоси нобаробарии ичтимоӣ дар санъати тасвирии асри миёна мебошад. Дар нақш акси тахориён тасвир гардидааст. Нақшҳои либоси одамон хусусиятҳои умумӣ дошт, аммо нақшҳои ҳар як қисми либосро бо рангҳои гуногуну маҳорати том офаридааст, ки як нақши либос ду бор такрор намеёбад. Нақшҳои Б. аввалин намуди санъати тасвирии Тахористон дар Осиёи Миёна ба шумор меравад.

Ад.: Альбаум Л. И., Балалык-Теппа. К истории материальной культуры и искусства Тохаристана, Ташкент, 1960; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972. *А. Абдуллоев.*

БАЛАНД, деҳа дар С. қ. Хоноболи р-ни Исфара, вил. Ленинобод, дар соҳили чапи д. Исфара. Терр. к-зи ба номи Свердлов. Аз Б. то маркази С. қ. 7 км, то район 10 км; роҳ асфальт. Аҳол. 754 наф. (1977), асосан тоҷикон. Деҳа мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, магазин, чойхона, нонвойхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, кирмаку боғдорӣ. Заминҳо аз д. Исфара обёрӣ мешаванд.

БАЛАНДИИ ДЕҲМОЙ, баландӣ дар ҳудуди р-ни Хуҷанди вил. Ленинобод. Аз назди деҳаи Деҳмойи р-ни Пролетар сар шуда, 13 км ба Шим. Ш. тӯл мекашад (давоми он Баландии Рухак ном дорад). Баландиаш аз с. б. 400—500 м, аз ҳамвории гирду атроф 100—150 м. Сатҳаш нисбатан ҳамвор. Б.Д. асосан аз регсангу конгломератҳои давраи неоген иборат буда, қисми зиёдаш хокпӯш аст. Бештар гиёҳҳои биёбонӣ (явшон ва ғ.) меруянд. Заминҳои корам низ дорад. *Х. Очилов.*

БАЛАНДИИ ИСФИСОР, баландӣ дар шарқтари ш. Ленинобод; давоми Баландии Рухак. Баландиаш аз с. б. 400 м, аз ҳамвории гирду атроф то 100 м буда, ба тарафи Ш. паст шуда меравад. Сатҳаш нисбатан ҳамвор. Б. И. асосан аз регсангу конгломератҳои давраи неоген таркиб ёфта, қисми зиёдаш хокпӯш аст. Дар Б. И. гиёҳҳои биёбонӣ (явшон) меруянд. Заминҳои корам дорад. *Х. Очилов.*

БАЛАНДИИ ЛАВРЕНТИЙ, (Lawrentian Upland), баландӣ дар шим. шарқи Америкаи Шимолӣ, дар Канада ва қисман ШМА. Бо к-ҳои Аппалачи, ҳамвориҳои Марказӣ, ҳамвориҳои Бузург, пастиҳои Макензи ва Гудзон ҳамҳудуд аст. Дар Шим. ва Шим. Ш. то уқ. Яхбастаи Шимолӣ ва Атлантик тӯл мекашад. Масоҳ. қариб 5 млн км². Баландиаш асосан 200—400 м, қисми шарқиаш (нимҷаз. Лабрадор) баландтар (600—700 м) ва дар соҳили шарқӣ рельефаш кӯҳӣ (қ-кӯҳҳои Торнгат, 1676 м). Б. Л. аз гнейс, варақсангҳои кристаллӣ, гранит, диорит таркиб ёфтааст. Маъдани оҳан, мис, никель, тилло, уран ва ғ. дорад. Иқлимаш мӯътадил ва субарктикӣ. Аз таъсири ҷараёни хунуки Лабрадор зимистони Б. Л. давомдор, тобистонаш салқини кӯтоҳ аст. Д-ҳои калонтаринаш: Черчилл, Коксоак, Нельсон, Бак, Коппермайн. Баҳор пуробу обхез мешаванд; 6—7 моҳ ях мебанданд. Аз Шим. ба Ҷ. зонаҳои тундра, бешатундра ва тайга паи ҳам иваз мешаванд. Дарахтони сӯзанбарг, ҳоҷи сафеду сиёҳ, заранг, тӯс, сафедор ва ғ. меруянд. Аз ҳайвонҳо гурги қутбӣ, лемминг, шоҳгавазн, савсор, скунс, хирси сиёҳ, қундуз, муши обӣ ва ғ. вомехӯранд.

БАЛАНДИИ МИЁНАИ РУС, баландӣ дар ҳамвории Европаи Шарқӣ, дар маркази қисми Европои СССР. Аз Шим. ба Ҷ., аз водии Ока то кряжи Донецк қариб ба 1000 км тӯл кашидааст. Бараш то 500 км. Баландиаш 220—250 м, ҷои баландтаринаш 293 м. Сатҳаш ноҳамвор. Баландиро водиҳои чуқури дарьё, дара ва ҷариҳо буридаанд. Рельефи карстӣ бештар вомехӯрад. Б. М. Р. аз массиви кристаллии Воронеж иборат буда, қисми шимолиашро моренаҳо пӯшидаанд. Маъдани оҳан (ниг. *Аномалияи магнитии Курск*), оҳаксанг, масолеҳи бинокорӣ дорад. Иқлимаш континентӣ. Боришоти солона 450—600 мм. Хокаш асосан сиёҳтоб, дар Шим. хокистарранги ҷангалӣ. Баландӣ дар зонаҳои беша, бешадашт ва дашт ҷой гирифтааст. 70—80%-и заминаш корам. Гандум, лаблабуи қанд, офтобпараст мекоранд. Аз Б. М. Р. д.-ҳои Ока (бо шохобҳояш Зуша, Упа, Жиздра ва ғ.), Десна, Сейм, Псёл, Ворскла, Дон (шохобаш Северский) ҷорӣ мешаванд. Қуруқи марказии сиёҳхоки ба номи В. В. Алёхин ва қуруқи Галичья Гора дар ҳамин баландӣ ҷой гирифтаанд.

БАЛАНДИИ МОСКВА, баландӣ дар ҳудуди вил-ҳои Москва, Владимир ва Ярославль. Аз саргаҳи д-ҳои Вора ва Москва то саргаҳи д. Колокша тӯл кашидааст. Баландиаш то 310 м. Асосан аз регсангу гилҳои давраҳои юра ва табошир таркиб ёфта, рӯи онҳоро таҳнишастҳои пирьяхӣ пӯшидаанд. Ҷарию оббурда ва моренаҳо бисьёранд. Баландӣ бо бешаҳои омехта (тӯс, кабуда, ҳоҷ) пӯшида шудааст.

БАЛАНДИИ МУТЛАҚ, баландии ягон нуқтаи сатҳи Замин нисбат ба сатҳи миёнаи уқёнус ба ҳисоби метр. Агар Б. м.-и сатҳи ягон маҳал нисбат ба сатҳи миёнаи уқёнус боло бошад, Б. м.-и мусбат ва агар паст бошад, Б. м.-и манфӣ номида мешавад. Б. м.-ро бо нивелир ном асбоб муайян мекунанд. Дар СССР Б. м.-ро аз ишораи ноли футштоки Кронштадт (б. Балтика) ба ҳисоб мегиранд.

БАЛАНДИИ НАЗДИ АЗОВ, баландӣ дар ҷан. шарқии Украина, дар ҳудуди вил-ҳои Запорожия ва Донецк. Баландиаш то 324 м. Ба тарафи б. Азов нишеб шуда меравад. Сатҳаш асосан аз ҷинсҳои лёссмонанд иборат. Аз Б. н. А. д-ҳои Молочная, Берда, Обиточная сар шуда, ба б. Азов мерезанд. Заминаш бештар сиёҳхок, қисми зиёдаш корам. Дар нишебаҳояш гиёҳҳои даштӣ меруянд. Қуруқи «Каменные могилы», ки як қисми қуруқзамини Украина мебошад, дар ҳамин ҷо воқеъ аст.

БАЛАНДИИ НАЗДИ ВОЛГА, баландии соҳили рости д. Волга, аз ш. Горький то ш. Волгоград. Баландиаш то 375 м. Бараш то 500 км. Ба тарафи Волга рост, ба сӯи ҳамвории Окаю Дон нишеб мефурояд. Аз оҳаксанг, доломит, гил, рег, мергель таркиб ёфтааст. Рельефи карстӣ бештар вомехӯрад. Баъзе қисмҳои баландаш к-ҳои Змеевы, Жигули, Столбичи ном доранд. Аз Шим. ба Ҷ. бешаҳои паҳнбарг ба бешадашт ва дашт иваз мешаванд. Дар заминҳои корами Б. н. В. асосан гандум, ҷуворимакка, ка-

наб мекоранд. Аз сарватҳои зеризаминӣ нефть, газ, фосфорит ва ғ. ёфт шудаанд.

БАЛАНДИИ НАЗДИ ДНЕПР, баландии байни ҷараёни миёнаи д-ҳои Днепр ва Буги Ҷанубӣ дар РССУ. Баландӣ дар Шим. 200 м, дар Ҷ. 150 м, ҷои баландтаринаш 323 м. Сатҳи баландӣ ҳамвор буда, онро водию ҷариҳои чуқур бурида мегузаранд. Қабати ҷинсҳои кристаллиашро гил, рег, лёсс ва гилҳои регдор пӯшондаанд. Қисми зиёдаш заминҳои корам аст. Ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ ривоҷ ёфтааст. Инчунин конҳои оҳан ва манган дорад.

БАЛАНДИИ НИСБӢ, баландии нуқтаи дилхоҳи сатҳи Замин нисбат ба ягон нуқтаи диг., ки ба фарқи баландиҳои мутлақи ин нуқтаҳо баробар аст (мас., баландии куллаи кӯҳ нисбат ба сатҳи водӣ).

БАЛАНДИИ РУХАК, баландӣ дар ҷан. ғарбии ш. Ленинобод. Он давоми баландии Деҳмой буда, то ст. р. о. Ленинобод тӯл мекашад. Баландиаш аз с. б. 400—450 м, аз ҳамвории гирду атроф 100—150 м. Сатҳаш нисбатан ҳамвор. Асосан аз регсангу конгломератҳои давраи неоген таркиб ёфта, бо хоки дурушти хокистарранг пӯшида шудааст. Баландиро сой ва ҷариҳо буридаанд. Дар он бештар гиёҳҳои биёбонӣ (явшон) меруянд. Баландиҳои Деҳмой, Исфисор ва Рухакро якҷоя «Кӯҳи Рухак» ҳам меғуянд. *Ҳ. Очилов.*

БАЛАНДИИ САДО, ниг. *Садо.*

БАЛАНДИИ СТАВРОПОЛЬ, баландӣ дар қисми марказии Кавказаи Пеш, асосан дар кишв. Ставрополи РСФСР. Дар байни д-ҳои Кубань, Кума ва пастхамии Кумаю Манич воқеъ аст. Тӯлаш 300 км, бараш 170 км. Баландиаш 300—600 м, ҷои баландтаринаш 831 м (к. Стрижамент). Водиҳои васеъ, сою ҷариҳо Б. С.-ро ба суфакӯҳҳои алоҳида ҷудо мекунанд. Баландӣ асосан аз гил, рег, оҳаксанг таркиб ёфтааст. Қисми зиёди даштҳояш корам. Қитъаҳои баландаш бешадашт, дар бешаҳо дарахтони паҳнбарг меруянд. Заминҳо аз системаи обии Кубану Егорлык ва Канали Калони Ставрополь обьёрӣ мешаванд.

БАЛАНДИН Алексей Александрович (20. 12. 1898, Енисейск — 22. 5. 1967, Москва), олими советӣ дар соҳаи химияи физикӣ, акад. АФ СССР (1946; аъзо-корр. 1943). Аъзои КПСС аз с. 1949. Б. назарияи асосии мультиплетии катализро ба вуҷуд овард, ки ин механизми процессҳои катализии реакцияҳои органикиро баён мекунад. Зиёда аз 900 асари илмиаш нашр гардидааст. Лауреати Мукофоти давлатӣ (1946). Бо ордени Ленин ва диг. орденҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Современное состояние мультиплетной теории гетерогенного катализа, М., 1968.

БАЛАНДИСАНҶ, альтиметр, асбоби ченкунии баландии парвози аппарати париш. Б.-и барометрӣ ва радиобаландисанҷ маъмуланд. Принципи кори Б.-и барометрӣ ба вобастагии бевоситаи байни фишор ва баландии парвоз асос ёфтааст. Қуттии анероидии Б. фишори атмосфераро қабул мекунад. Деформацияи қуттӣ ба тағйирёбии фишор (вобаста ба баландии парвоз) мутаносиб аст. Деформацияро акрабаки Б. ҳис мекунад ва шкалаи асбоб баландии нисбиро нишон медиҳад.

Принципи кори *радиобаландисанҷ* ба чен кардани фосилаи вақти ирсол ва қабули мавҷҳои электромагнитӣ, ки дар фазо бо суръати доимӣ паҳн мешаванд, асос ёфтааст. Радиобаландисанҷ баландии ҳақиқии парвозро нисбат ба сатҳи мавзеъ нишон медиҳад.

БАЛАНДКИЙК, дарьё дар қисми шим. Помири Шарқӣ (ВАБК), шохоби рости д. Селдара (д-ҳои Селдара ва Совуқсой як шуда, д-и Муғсуро ташкил медиҳанд). Тӯлаш 71 км, масоҳ. ҳавзааш 1630 км². Б. аз қ-кӯҳи Зулумарт сар шуда, поёнобаш аз чандин дарьёчаи қ-кӯҳҳои Танимаси Шимолӣ ва Беловлӣ сероб мегардад. Давраи серобии Б. аз май то сент. Сарфи зиёдтарини об дар аввали авг.— 100 м³. Дар давраи камобӣ сарфи об 2—4 м³. Манбаи асосиаш — пирьях ва барф. *Ю. С. Усков.*

БАЛАНДӢ, қитъаи нисбат ба атрофи худ баланди сатҳи Замин (мас., Б.-и Валдай, Б.-и Миёнаи Рус; дар Тоҷикистон — Б.-и Деҳмой, Б.-и Исфисор ва ғ.). Шартан қитъаи баландии мутлақаш зиёда аз 200 м-ро Б., акси онро пастӣ меноманд. Шакли Б. ҳамвор, теппадор, кӯҳӣ мешавад. Б.-ро процессҳои тектоникӣ, аккумуляция ва эрозия ба вуҷуд меоранд.

БАЛАНДӢ дар геометрия, порчаи перпендикуляре, ки аз қуллаи фигураи геометрӣ (мас., секунҷа,



трапеция, пирамида) ба асос ё давоми асос фуроварда шудааст. Дар призма, цилиндр, қабати куравӣ, пирамидаи сарбурида ва конуси сарбурида Б. масофаи байни асосҳост.

БАЛАНС (франс. balance — тарозу, лот. bilanx — ду паллаи тарозу), 1) мувозинат, баробарвазнӣ. 2) Системаи нишондиҳандаҳо, ки таносуб ё мувозинати ягон ҳодисаи доимо тағйирёбандаро ифода мекунад. Мас., *Баланси ҳоҷагии халқи СССР, Баланси бухгалтерӣ, Баланси хӯроки чорво, Баланси замин* ва ғ.

БАЛАНСИ БУХГАЛТЕРӢ, як хели ҳисоботи бухгалтерӣ. Формаи № 1 ҳам меғуянд. Б. б. ҳолати маблағҳои хоҷагӣ ва манбаъҳоеро, ки онҳоро дар давраи муайян ба вуҷуд овардаанд, дар шакли пул акс менамояд. Аз ҷиҳати сохт Б. б. аз ҷадвали дутарафа иборат аст. Тарафи чап — актив, рост — пассив. Нишондиҳандаҳои алоҳидаи тарафи чапу рости Б. б. моддаҳои баланс ном доранд. Таркиби маблағҳо ва тақсими онҳо дар актив ва манбаъҳои ташкилёбии маблағҳо дар пассив инъикос меёбад. Ҳосили ҷамъи тарафҳои актив ва пассив доимо баробаранд. Шакли Б. б. (формаи № 1)-ро Вазорати молияи СССР ва Управлениях Марказии Статистикии СССР тасдиқ мекунанд ва иҷрои он барои ҳар як корхона ҳатмист. Тарафҳои актив ва пассиви Б. б. аз фаслҳои алоҳидаи бо ҳам алоқаманд иборат. Мас., баланси активу пассиви корхонаи саноатӣ аз 5 фасл (А, Б, В, Г, Д) иборат аст.

БАЛАНС

Актив	Пассив
А. Фондҳои асосӣ ва активҳои ғайри гардиш.	А. Манбаъҳои воситаҳои худӣ ва воситаҳои ба онҳо баробар.
Б. Воситаҳои гардони ба норма гирифташуда.	Б. Кредитҳои банкии таҳти воситаҳои гардони ба норма гирифташуда.
В. Воситаҳои пулӣ, ҳисобу китоб ва диг. активҳо.	В. Кредитҳои гуногуни банк, ҳисобу китоб ва диг. пассивҳо.
Г. Восита ва харочотҳо барои сохтмони асосӣ.	Г. Манбаи воситаҳо барои сохтмони асосӣ.
Д. Харочоти ба вуҷуд овардани чорвои асосӣ.	Д. Бо пул таъмин кардани харочоти ба вуҷуд овардани чорво.

Ад.: Макаров З. Г., Теория бухгалтерского учёта, М., 1975; Маргулис А. Ш., Бухгалтерский учёт в отраслях народного хозяйства, М., 1975.

БАЛАНСИ ДАРОМАДУ ХАРОҶОТИ ПУЛИИ АҲОЛӢ, қисми таркибии баланси хоҷагии халқи СССР, ки бо ёрии ҳисобукитоби махсус ташкил ва истифодаи он қисми даромади миллиро нишон медиҳад, ки дар шакли даромади пулӣ ба аҳолӣ тақсим мешавад. Меҳнаткашон даромади шахсии худро дар процесси такрористеҳсоли социалистӣ, тақсими даромади миллӣ, бештар дар шакли пул, музди меҳнат, инчунин аз ҳисоби фондҳои истеъмолии ҷамъиятӣ мегиранд. Манбаи даромади пулии аҳолӣ, моҳона, мукофот, музди иловагӣ барои шароити махсуси кор, нафақа, стипендия, бурдҳои заёмҳо, лотерея, суғурта, даромади амонатгузорӣ ва ғ. мебошад.

Харочоти аҳолӣ аз харид аз муассисаҳои савдои давлатӣ ва кооперативӣ, додани музди хизмати коммуналӣ, харочоти тамошои кино, театр, харочоти наклиёт ва ғ. иборат аст.

Б. д. х. п. а. барои баплангирии гардиши мол, пардохтҳо ва пасандозҳои

пулии аҳолӣ ва муомилоти пул, таносуби қобилияти харидории аҳолӣ, таклифи мол ва ғ. истифода мешавад. Б. д. х. п. а. барои тамоми аҳолӣ ва алоҳида барои гурӯҳҳои иҷтимоӣ — коргарон, хизматчиён, колхозчиён тартиб дода мешавад. Б. д. х. п. а. дар СССР аз с. 1928 ва дар республикаҳои иттифоқӣ аз с-ҳои 1955—59 ҷорӣ карда шудааст. Балансҳои территорияви барои баплангирии муомилоти пулӣ ва гардиши чаканаи мол дар районҳои мамлакат имконият медиҳанд.

БАЛА́НСИ ЗАМИ́Н, системаи нишондиҳандаҳои тағйироти замин. Б. з.-ро дар СССР ҳар сол барои к-зу с-зҳо ва диг. хоҷагиҳое, ки ба истеҳсолоти х. қ. машғуланд, тартиб медиҳанд. Дар Б. з. ҳамаи заминҳои мавҷудаи хоҷагӣ (инчунин ҷангал, буттазор ва ғ.), зиёд ё кам шудани он (аз 1 нояб. соли гузашта то 1 нояб. соли ҷорӣ) қайд карда мешавад. Б. з.-и ҳар як район, вилоят, республикаи автономӣ ё иттифоқӣ ва мамлакат танҳо ояд ба заминҳои х. қ. (киштзор, дарахтзор, алафзору чарогоҳ, замини партов) тартиб дода мешавад. Ин маълумотҳо ба маҷмӯаи «Фонди замини СССР», ки ҳар сол ВХҚ СССР нашр менамояд, дохил мешаванд.

БАЛА́НСИ ЗАХИРАҲО́И МЕҲНАТӢ, системаи маълумотҳое, ки андоза, таркиб, тақсимот ва истифодаи захираҳои меҳнатиро нишон медиҳад. Б. з. м. қисми таркибии баланси хоҷагии халқ аст. Дар СССР Б. з. м. барои хоҷагии халқи умумиттифоқ, республикаҳои иттифоқӣ, кишвар ва вилоятҳо тартиб дода мешавад. Б. з. м., ки мардони аз 16 то 59-сола ва занони аз 16 то 54-соларо дар бар мегирад, воситаи дар соҳаҳои хоҷагии халқ аз рӯи план тақсиму истифодаи захираҳои меҳнат мебошад. Дар Б. з. м. таносуби захираҳои меҳнатиро дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ муайян мекунанд. Б. з. м. то чӣ андоза бо қувваи коргарӣ таъмин будани районҳои иқтисодиро нишон медиҳад.

БАЛА́НСИ ПАРДО́ХТ, таносуби пардохтҳои пулие, ки ба ин ё он мамлакат дар давраи муайян (солона нимсола, семоҳа, моҳона ва ғ.) аз мамлакатҳои хориҷӣ дохил шудааст ва пардохтҳои пулие, ки аз тарафи як мамлакат ба диг. мамлакатҳо дода мешавад. Б. п.-и мамлакатҳои капиталистӣ баланси пардохти савдо, киштигардии байналхалқӣ, пардохти маблағгузориҳои хориҷӣ, пардохти даромад аз туризм, пулфиристонии байналхалқӣ, пардохти воридоту содироти капиталро дар бар мегирад. Агар мадохилоти пардохт аз пардохтдиҳӣ зиёд бошад, Б. п. актив аст ва баръакс, агар пардохтдиҳӣ аз мадохилоти пардохт зиёдтар бошад, Б. п. пассив аст. Дар мамлакатҳои капиталистӣ баланси пассиви пардохт аз ҳисоби ба диг. мамлакатҳо баровардани тилло пурра карда мешавад. Дар мамлакатҳои социалистӣ Б. п. робитаҳои иқтисодии стихиявиро не, балки робитаҳои иқтисодии аз рӯи план ба тартиб овардашавандаро бо давлатҳои хориҷӣ ифода мекунад. Ба мамлакатҳои социалистӣ майли аз ҳисоби диг. давлатҳо бой шудан бегона аст. Б. п.-и СССР дар асоси маълумотҳои Банки давлатӣ, ки маркази муомилоти валютӣ аст, тартиб дода мешавад.

БАЛА́НСИ ХОҲАГИ́И ХАЛҚИ СССР, системаи нишондиҳандаҳои иқтисодиест, ки суръат ва манбаъҳои такрористеҳсоли васеи социалистӣ ва таносуби байни соҳаҳои хоҷагии халқро нишон медиҳад. Б. х. х. СССР балансҳои меҳнат, даромади миллӣ, балансҳои муҳимтарин навъҳои маҳсулотро дар бар мегирад. Ду навъи Б. х. х. СССР (баланси плании хоҷагии халқ, баланси ҳисоботӣ) ҷорист. Дар баланси плании хоҷагии халқ маълумотҳои асосии тараққиёти хоҷагии халқи мамлакат инъикос меёбад. Баланси ҳисоботӣ натиҷаҳои ҳаҷмии иҷрои супоришҳои планро нишон медиҳад. Бори аввал дар амалияи хоҷагидории ҷаҳонӣ баланси ҳисоботии хоҷагии халқро УМС СССР барои с-ҳои 1923—24 тартиб дода буд. Нишондиҳандаҳои такрористеҳсоли васеи маҳсулоти ҷамъиятӣ асосӣ Б. х. х.-и СССР-ро ташкил мекунанд. Б. х. х.-и СССР-ро одатан ҳар сол тартиб медиҳанд, ки ин ба муқаррар намудани таносуби реалӣ ва робитаҳои мутақобилаи такрористеҳсоли васеъ кӯмак мерасонад. Маълумотҳои асосӣ дар Б. х. х.-и СССР аз рӯи шаклҳои моликият, гурӯҳҳои иҷтимоию ҷамъиятии аҳолӣ нишон дода мешаванд, ки ин ба таҳлили процесси тараққиёти муносибатҳои истеҳсолии социалистӣ имконият медиҳад.

БАЛА́НСИ ХӮРО́КИ ЧОРВО́, муқоисаи талабот бо захираи хӯрок. Б. х. ч. қисми таркибии плани хоҷагии халқ буда, аз ду қисм (плани талабот ва плани даромади хӯроки чорво) иборат аст. Плани талаботи чорворо ба хӯрок аз рӯи саршумори плании чорво ва маҳсулноки он тартиб медиҳанд. Эҳтиёҷи чорворо ба хӯрок дар ду давр (аз ҳосили соли ҷорӣ то ҳосили соли оянда ва соли минбаъда барои муайян кардани ҳаҷм барои хӯрок аз рӯи намуду гурӯҳи ҳайвонот бо мақсади ҳисоб намудани арзиши аслии плани маҳсулоти чорво) ҳисоб мекунанд. Даври якум 8—10%-и хӯроки концентронида, 15—20%-и хӯроки дурушт, 10—15%-и хӯроки сершираи фонди захиравии талаботи солонаро дар бар мегирад. Инчунин талаботи ба хӯрок доштаи чорвои шахсии колхозчиён ва коргарони с-зҳо низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Меъёри солонаи хӯрокдиҳиро дар шакли *воҳиди хӯрокӣ*, аз рӯи протеини ҳазмшаванда ва вазни зиндаи ҳайвонот муайян мекунанд. Меъёри сарфи воҳиди хӯрок ба воҳиди маҳсулот, инчунин таркиби рационе солонаи хӯрокро аз рӯи нормативи намунавии хоҷагиҳои пешқадам муқаррар мекунанд. Ҳангоми тартиб додани плани даромади хӯроки чорво инкишофи мунтазами истеҳсоли хошоку силос, бехмева ва ғалла (пеш аз ҳама аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилноки) пешбинӣ карда мешавад. Инчунин маҳсулоти иловагии зироати х. қ. (коҳ, пахол, баргу поя, партови ғалладона ва ғ.), партови саноатӣ (кунҷора, комбикорм) ва ғ. низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Талаботи чорворо ба хӯрокиҳои гуногун бояд худи хоҷагиҳо (ғайр аз ф-каи паррандапарварӣ, хоҷагиҳои бӯрдоқипарварӣ ва ғ., ки замин надоранд) таъмин намоянд.

БАЛАНСИ́Р, ниг. *Шоҳин*.

БАЛАНТИДИА́З (дар ҳайвонот — балантидиоз), бемории хук ва одам, ки дар натиҷаи ба бофтаи рӯда ворид шуда афзудани баландтидия (Balantidium coli) ном инфузорияи паразит ба вуҷуд меояд. Дарди шикам, баланд шудани ҳарорати бадан (38—39°С), исҳоли пай дар паи луобдори хунин ё луобноки фасоддор аломатҳои Б.-анд. Манбаи асосии сироят хук аст. Сироятӣ Б. ба воситаи системаи ҳозима аз хӯроку об ва дасти ифлос ба вуҷуд меояд.

Муолиҷа: истифодаи антибиотик (аминарсон, биомицин, мономицин ва ғ.) ва дорухои қувватбахш.

Пешгирӣ: риоя намудани қоидаҳои гигиена, хусусан ҳангоми хук нигоҳ доштан.

БАЛАСАНЯ́Н (Баласанянц) Сергей Артемьевич (тав. 26. 8. 1902, Ашқобод), бастакори советӣ, педагог, ходими ҷамъиятӣ. Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1957), Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСФСР (1963). Аъзои КПСС аз с. 1944. С. 1935 фак-ти таърих ва назарияи Консерваторияи Москваро хатм кард. С-ҳои 1936—43 дар Тоҷикистон кор кард, 1939—43 раиси правленияи ИБ-и РСС Тоҷ. 1949—53 ҷонишини раиси Комитети радиоахборот, 1953—54 ҷонишини сардори Саруправленияи ахбороти радио, 1964 котиби ИБ РСФСР. Аз с. 1955 муаллим, аз с. 1965 проф. Консерваторияи Москва (с-ҳои 1962—71 мудири кафедраи бастакорӣ). Б. яке аз асосгузорони театри мусиқии советии тоҷик, муаллифи аввалин операи тоҷикӣ — «Шӯриши Восеъ» аст (1939). Б. муаллифи операҳои «Коваи оҳангар» (якҷоя бо Ш. Бобокалонов 1941, Театри опера

ва балети Тоҷикистон), «Бахтиёр ва Нисо» (1954, Театри опера ва балети Тоҷикистон), балетҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» (таҳрири 1 с. 1947, Театри опера ва балети Тоҷикистон, Мукофоти давлатии СССР 1949, таҳрири 2, с. 1957, дар ҳамон ҷо, таҳрири 3 с. 1964, Театри Калони Москва) мебошад. Эҷодиёти Б. хеле пурмазмун буда аз оҳангҳои фольклори халқҳои Шарқ бой аст. Вай як силсила асарҳои гуногунжанри мусиқӣ низ офаридааст, ки онҳо ганҷинаи мусиқии советиро боз ҳам ғанитар гардондаанд. Б. бо 5 орден мукофотонида шудааст.

БАЛАТОН (Balaton, аз калимаи блато — ботлоқ), кӯл дар Венгрия, дар ҳамвории Дунаи Миёна. Тӯлаш 78 км, бараш то 12 км, масоҳ. 596 км², чуқуриаш то 11 м. Қисми зиёди соҳилҳояш баланд, ҷо-ҷо каҷу килеб, баъзе ҷояш ботлоқзор. Ҳарор. оби кӯл тобистон қариб 20°С. Ба Б. бисьёр дарьёҳои хурд мерезанд. Оби Б. ба воситаи канал ба д. Шио ҷорӣ шуда, аз он ба д. Дунай мерезад. Атрофи кӯл ноҳияи курортӣ ва истироҳатии Венгрия мебошад. Киштигард. Моҳӣ дорад. Дар соҳилҳои Б. роҳҳои оҳан ва автомобиль воқеанд.

БАЛАШО́В (то 1780 — деҳаи Балашово), шаҳр дар вил. Саратови РСФСР, дар соҳили д. Хопёр. Узели р. о. Аҳол. 91 ҳаз. наф. (1977). Дар сари роҳи мошингарди Саратов—Воронеж воқеъ аст. Маркази калони саноати сабук ва хӯрокворӣ. Корхонаҳояш: комб-ҳои матои плащворӣ, абрақ, ф-каҳои дӯзандагӣ, пойафзол, мебель, комб. гӯшту консерв, з-дҳои равғану панир, қанд, прицепҳои (ядакҳои) мошину трактор, таъмири автомобиль, хӯроки омехтаи чорво ва ғ.; инчунин масолеҳи бинокорӣ истеҳсол мекунанд. Ин-ти педагогӣ, техникумҳои механиконии х. қ., мӯина, филиали техникуми электромеханикии Саратов, омӯзишгоҳҳои тиббӣ ва мусиқӣ, театри драма, музеи кишваршиносӣ дорад.

БАЛБАЛ, ҳайкали зан, ки аз санг тарошида болои қабр, теппа мегузоштанд. Баландиаш аз 1 то 4 м. Аз д. Днестр дар Ғарб то ба Олтою Муғулистон дар Шарқ вомехӯрад. Қадимтаринаш ба а-ҳои 5—4 то м. ва навтаринаш ба а-ҳои 13—14 мансуб аст. Гузоштани Б. эҳтимол ба парастиши аҷдод вобастагӣ дошта бошад.

БАЛБО́З, зоти гӯсфанди дурушт-пашми гӯшту ширу пашмдеҳ. Селекцияи халқӣ. Дар Закавказия ба вуҷуд овардаанд. Одатан сафед, пой ё сару гӯшаш сиёҳ, думи дарози S-шакл дорад. Қӯчқораш 35—110 кг ва мешаш 55—75 кг; 45—50% гӯшти соф медиҳад. Аз дунбаи думмонанди қӯчқораш то 12 кг ва мешаш 5—6 кг равғаи мегиранд. Аз Б. 2—3,2 кг пашм метарошанд; 50—60%-аш пашми соф, ки барои қолин, бурка (либоси намадини кавказӣ) ва матоъҳои пашмин (камвол) ва ғ. истифода мебаранд. Мешаш дар давраи ширдиҳӣ — лактация 124—130 кг шир медиҳад. Аз ҳар 100 сар меши Б. 112—120 сар барра мегиранд. Б.-ро дар чарогоҳи баландкӯҳи РСС Арм., РСС Озарб., инчунин Эрони Шимолӣ ва Туркия парвариш мекунанд.

БАЛДОЙТЕППА бошишгоҳи ду қабати археологии а-ҳои 5—3 то м. ва а. 3 — ибтидои а. 5 м., дар ҳудуди с-зи ба номи Куйбышеви р-ни Кӯрғонтеппа воқеъ аст. Дар қабати а-ҳои 5—3 то м. вайронаи чор қабати иҷоматӣ ва зарфҳои сафолин ёфт шудаанд. Дар қабатҳои а. 3 ва ибтидои а. 5 вайронаи биноҳои се қабати археологӣ боқӣ мондааст. Хона ва биноҳои хоҷагӣ дар атрофи саҳни ҳавлӣ ҷой гирифтаанд. Дар қабати миёна хазинаи тангаҳои замони охири аҳди *Кушониён* ва ибтидои аҳди *Сосониён* ёфт шудааст. Зарфҳои сафолин ба маснуоти сафолини қабати болоии маҷмӯи димнаи Ёвон хеле шабоҳат дорад. *Л. А. Пьянкова.*

БАЛЕА́Р (Baleares), гурӯҳи ҷазираҳо дар ғарби Баҳри Миёназамин. Аз ду ҷаз. калон — Мальорка, Менорка ва галҷаз. Питиус иборат буда, музофоти Балеареси Испанияро ташкил медиҳанд. Масоҳ. 5 ҳаз. км². Аҳол. 510,9 ҳаз. наф. (1969). Маркази маъмурӣ ва бандари асосиаш—Пальма. Рельефаш аз пастӣ ва теппазор иборат. Дар шим. ғарби ҷаз-ҳои Мальорка қ-кӯҳи баландиаш то 1445 м., дар ҷаз. Менорка пуштакӯҳи начандон баланд (358 м) воқеанд. Рельефи карстӣ бештар вомехӯрад. Иқлимаш баҳримиёназаминӣ; тобистон гарми хушк, зимистон серборишу, боришоти солона 400—600 мм. Булутзорҳо бисьёр буда, дарахтони санавбар, нахли қадпаст ва ғ. меруянд. Аҳолӣ бо парвариши растаниҳои субтропикӣ (цитрусӣ, зайтун, бодом), токдорӣ, инчунин моҳидорӣ машғул аст. Туризм хеле ривоҷ ёфтааст.

БАЛЕ́Т (франс. ballet, итал. balleto лот. ballo — мерақсам), навъи намоиши театрист. Дар он воқеа бо забони образҳои рақсӣ ва мусиқӣ ифода меёбад. Б. дар асоси рақси классикӣ, рақси халқӣ, рақси иғроқӣ (гротескӣ) ва пантомима офарида мешавад. Б. дар Европа дар давраи *эҳьё* пайдо шуда, ҳамчун намуди мустақили санъати театрӣ ташаккул ёфтааст. Ватанаш Италия. Аввалин намоишҳои дабдабаноки театрӣ, ки дар онҳо рақс бо суруд, мусиқӣ ва декламация омезиш меёбанд, охири а. 15 ба вуҷуд омаданд. Дар а. 18 устодони забардасти санъати рақс — англисҳо: Ҷон Рич, Ҷон Уивер, австрияӣ Франц Гильфердинг, италиявӣ Гаспаро Анҷолини, франсавиҳо Мари Камарго, Огюст Вестрис, Луи Дюпор, Мари Салле, Доберваль ва хусусан Жан Жорк Новерро дар инкишофи Б. саҳми сазоворе гузоштанд. Ба ғайр аз рақси классикии европоӣ боз сабки классикии шарқӣ (хитоӣ, японӣ, ҳиндӣ, цейлонӣ, индонезӣ), ки бо маданияти миллии чандинасраи халқӣ алоқаманд мебошад, барои ташаккули Б. роли муҳим бозидааст.

Дар ташаккул ва инкишофи рақси классикии рус Иван Вальберх, Адам Глушковский, Карл Дидло, Мариус Петипа, Лев Иванов, Александр Горский, Михаил Фокин барин устодони рақс саҳми сазоворе гузоштаанд. Чорьяки охирини а. 19 дар таърихи Б.-и рус марҳилаи бузург гардид. Дар ин давра Б.-ҳои «Кӯли ҚУВОН» (1876), «Нозанини хуфта» (1889) ва «Щелкунчик» (1892) пайдо шуданд, ки на танҳо шӯҳрати санъати рус, балки дараҷаи тараққии хореографияи ҷаҳонро низ баланд бардоштанд.

Хореографияи советӣ анъанаҳои беҳтарини Б.-и русро қабул намуда, дар асоси он инкишоф ёфт. Ходимони санъати советӣ як қатор спектакльҳои барҷаста: «Лолаи сурх», «Фавворае Боғчасарой», «Ромео ва Ҷульетта», «Золушка», «Гули сангин», «Лауренсия», «Спартак», «Бо роҳи раъду барқ», «Афсонаи ишқ» ва ғ.-ро ба саҳна гузоштанд, ки репертуари доимии театрҳои советӣ гардиданд. Мусиқии ин асарҳоро бастакорон *Р. Глиэр*, Б. Асафьев, *С. Прокофьев*, А. Крейн, *А. Хачатурян*, *Қ. Қароев*, О. Маликов, хореографияшро Р. Захаров, Ю. Григорович, В. Чабукиани, К. Сергеев, *Л. Якобсон* барин устодони забардасти рақс офариданд. Дар Б. раққос ва раққосаҳои мумтози советӣ М. *Семёнова*, Г. *Уланова*, М. Плисецкая, Н. *Дудинская*, А. Мессерер, А. Ермолаев, М. Габович, В. Васильев, Е. Максимова, Н. Павлова ба камол расиданд. Б.-и тоҷик дар асоси анъанаҳои бои рақси миллӣ ва таҷрибаи хореографии рус ва ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. С. 1939 дар Душанбе театри опера ва балет ташкил шуд. Устодони рақс А. Исломова, А. Проценко, ки аз Москва омада буданд, бо ёрии раққосони халқӣ хореографияи миллиро барои саҳна мувофиқ сохтанд. С. 1941 ҳайати эҷодӣ аз намоиши саҳнаҳои ҷудогонаи хореографӣ ба Б. гузашт. Нахустин Б.-и тоҷик *«Ду гул»* буд, ки дар асоси рақси халқӣ эҷод шудааст. Мусиқии А. *Ленский*, устоди рақс К. *Голейзовский*. Дар он аввалин артистони Б.-и тоҷик А. *Азимова*, О. Исҳоқова, О. Исомова, Ғ. *Валаматзода*, М. *Қобилов*, У. Рабимов, С. Баҳор ва диг. ҳунарнамоӣ карданд. Дере нагузашта репертуари Б.-и тоҷик аз ҳисоби асарҳои классикӣ ва советӣ бой гашт. Театр «Эҳтиёткории беҳуда»-и Л. Герольд, «Фавворае

Боғчасарой»-и Б. Асафьев, «Кӯли қувон»-и П. И. Чайковский, «Золушка»-и С. Прокофьев, «Эсмеральда»-и Ц. Пуни, «Лауренсия»-и А. Крейн барин Б.-ҳоро манзури тамошобинон намуд. Якумин балеринаи тоҷик Лутфӣ *Зоҳидова* дар ин спектакльҳо рольҳои асосиро бозида, сазовори унвони Артисткаи Халқии СССР гардид. С. 1947 дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ Б.-и С. Баласанян «Лайлӣ ва Маҷнун» дар таҳияи Ғ. Валаматзода гузошта шуд. Дар ин Б.-и тоҷик рақси классикӣ хеле фаровон истифода бурда шуд. Баъдҳо Б.-и тоҷик ба мавзӯъҳои ҳозиразамон, таърихӣ-қаҳрамонӣ, афсонавӣ ва ғ. муроҷиат намуд (А. Ленский «Дилбар», Ю. Тер-Осипов «Афсонаи кӯҳистон», «Писари ватан», М. Ашрафӣ «Темурмалик» ва ғ.). Б.-ҳои «Щелкунчик»-и П. И. Чайковский, «Жизель»-и А. Ш. Адан, «Ромео ва Ҷульетта»-и С Прокофьев, «Дон Кихот»-и А. Ф. Минкӯс, «Болеро»-и М. Равель, «Хонум ва авбош»-и Д. Шостакович ва диг. писанди тамошобинон гардиданд. С-ҳои 1958—60 ба ҳайати эҷодии Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ як гурӯҳ тамомкунандагони студияи тоҷикии омӯзишгоҳи хореографии Ленинград ҳамроҳ шуданд, ки дар натиҷа барои ба саҳна гузоштани Б.-ҳои мураккаб имконият пайдо шуд, репертуари театр бой гардид, дараҷаи бадеии спектакльҳо, хусусан, бозии солистҳо баландтар шуд. Дере нагузашта аз байни ҷавонон М. *Собирова*, Б. *Исоева*, М. *Бурҳонов*, С. Азаматова, С. Узоқова, Т. Ҷаводзода, Қ. Холов барин раққос ва раққосаҳои пурмаҳорат ба камол расиданд. Ҷустуҷӯҳои эҷодии Б.-и тоҷик барои офаридани асарҳои нави миллӣ, аз худ кардани сарватҳои хореографияи ҷаҳон ва барои боз ҳам баланд бардоштани маҳорат равона карда шудааст.

Тасвирро виг. дар саҳ. 368—369.

Ад.: Ванслов В., Балеты Григоровича и проблемы хореографии, М., 1968; Нурджанов Н., Таджикский театр, М., 1968; Красновская В., Русский балетный театр начала XX в., Л., 1972.

Н. Нурҷонов.

БАЛИ (Bali), ҷазира дар ғалаҷаз. Малай (дар ғарби ғалаҷаз. Зонди Хурд), дар Индонезия. Масоҳ. 5,6 ҳаз. км². Аҳол. 2,2 млн наф. (1970). Сатҳаш кӯҳсор. Ҷои баландтарини Б.— вулқони Агунг (бал. 3142 м). Соҳилҳояш баланд. Иқлимаш тропикии мавсимӣ; тобистон серборишӣ (боришоти солонааш — 1500 мм) ва зимистонаш хушк. Бо бешаҳои омехта пӯшидааст. Плантацияҳои шолӣ, қаҳва, какао дорад. Б. маркази бостонии маданию ҳунарманди Индонезия. Ёдгориҳои меъморӣ бисьёранд: «Мазори шоҳон» (а. 11), «Ғори фил» (а. 13) ва ғ. Ба Б. туристҳо бисьёр меоянд. Ш-ҳои калонаш: Сингарача, Денпасар.

БАЛИЛА (Terminalia chebula), дарахти хазонрез, мансуби комбретиҳо. Баргаш байза ё нештаршакли паҳн, нӯктез, рӯ ба рӯи якдигар ҷойгиршуда; гулаш майда, мевааш сахтдонак, байзашакл. Меваи Б. 20—40% моддаҳои даббоғӣ, турш ва зифт дорад. Б. дар Ҳиндустон ва Вьетнам паҳн шудааст. Аз Б. ранги сиёҳ мегиранд. Дар тибби халқӣ мевааш воситаи рафъи ихтилоли меъдаву рӯда ва давои дизентерия ҳисоб меёбад.

БАЛИСӮН, ҳ у н у т, дарахт, бутта ва маҳсулоти мураккаби табиии он. Б.-и растанӣ одатан моеи широмонанди ароматӣ буда, мазааш тунду турш аст, асосан аз равғанҳои эфирӣ ва зифти дар онҳо ҳалшуда ва пайвастҳои ароматӣ иборат аст. Аксари навъҳои Б. дар растанӣ (ладен, таннуб ва ғ.) маҳсули мубодилаи мӯътадили моддааанд. Баъзеашон маҳсули фаъолияти патологии растанӣ буда, ҳангоми захмдоршавии пӯстлохи он ҳосил мешаванд. Б.-и табиӣ аз қадимулайём чун даво истифода мешуд. Баъзе Б.-ро дар мавриди касалии захми меъдаю рӯда истифода мебаранд. Б. вобаста ба таркиб, хосияти антисептикӣ (зиддисироятӣ, зиддифасод), дофеи бадбӯй ва балғамоварӣ дорад. Б. дар техника барои ҳосил кардани канифоль, скипидар, истеҳсоли лок ва дар саноати атриёту пардоз истифода мешавад. Баъзе полимерҳои синтезӣ (мас., Б.-и Шостаковский) гарчанде таркибан аз Б.-и табиӣ фарқ кунад ҳам, Б. номида мешавад.

БАЛКА́Н, нимҷазира дар Европаи Ҷанубӣ. Масоҳ. 505 ҳаз. км². Аз Ғ. ба Ш. 1260 км, аз Шим. ба Ҷ. 950 км тӯл кашидааст. Соҳилҳои ғарбиашро б-ҳои Адриатика, Ион, шарқиашро Баҳри Сиёҳ, б. Мармар, ғул-ҳои Босфор ва Дарданелл, б. Эгей иҳота кардаанд. Дар нимҷаз. Б. Булғория, қисми зиёди Югославия, Албания, Юнон, ноҳияҳои ҷан. Румыния, ғарбии Туркия ва қисми ками ноҳияи шим. шарқии Италия ҷойгиранд. Дар баҳрҳои атрофи Б. ҷазираҳои бисьёре ҳастанд, ки масоҳ. умумии онҳо қариб 21,5 ҳаз. км² аст. Қисми зиёди нимҷаз. Б.-ро к-ҳои Стара-Планина, Родоп, Рила (бо қуллаи баландтарини нимҷаз. к. Мусала, 2925 м), кӯҳсори Динор, массиви Проклетие, к. Пинд ва ғ. ишғол кардаанд. Пастиҳои калон (Фракия, Салоники, Фессали, Албан) асосан дар канораҳои нимҷазира ҷойгиранд. Пайдоиши кӯҳҳои нимҷаз. Б. ба чиндоршавии альпӣ нисбат дорад. Дар ҳудуди он се массиви қадима: к-ҳои Сербияю Македония, Родоп ва Пелагония воқеъ аст, ки аз варақсангҳои кристаллӣ, гнейсҳои давраи токембрӣ иборатанд. Қисми массивҳо, хусусан Сербияю Македония, бо таҳнишастҳои мезозой, кайнозой, дар баъзе ҷойҳо палеозой яклухт пӯшида шудаанд. Б. серзилзила аст. Сарватҳои зеризамминиаш: ангиштсанг, металлҳои ранга, маъдани оҳан, нефть, симоб, боксит ва ғ. Иқлим дар марказ ва Шим. континентии мӯътадил, дар диг. ҷойҳо баҳримиёназаминист. Д-ҳои калонаш: Марица, Морава, Искыр, Струма, Дунай ва Сава. Кӯлҳояш: Шкодер, Охрид, Преспа ва ғ., асосан дар пастхамиҳои тектоникӣ ҷойгиранд. Чашмаҳои минералии гарм ва хунук бисьёр вомехӯранд. Хокаш асосан ҷигаррангу карбонатӣ. Дар Б. қариб 6,5 ҳаз. намуди растанӣ меруяд. Аз ҳайвонот рӯбоҳ, гурба, гуроз, хирс, шаҳол, гавазн, сагобӣ ва бисьёр намуди паррандаҳо вомехӯранд.

БАЛЛА́ДА (франс. ballade — рақс мекунам), номи якчанд жанрҳои мухталифи шеърӣ ва мусиқӣ. Дар Б. асосан фикру ҳиссиёт, таассуроту ҳаяҷони шоир ифода мешавад. Бори нахуст дар халқҳои романии асрҳои миёна пайдо шуда, дар шакли сурудҳои умумӣ ҳатман бо нақарот ичро мегардид. Дар а. 13 шакли Б. тағьир ёфта, жанри машҳури назми франсавию италиявӣ гардид. Б.-и классикии а-ҳои 14—15-и франсавӣ шеъри бесюжети лирикӣ буд. Баъдҳо Б. жанри дӯстдоштаи намояндагони сентиментализм ва романтизм гардид (Р. Бёрнс, Р. Киплинг — дар Англия, Ф. Шиллер, Г. Гейне—дар Германия). Дар назми рус Б.-ро В. А. Жуковский, А. С. Пушкин, М. Ю. Лермонтов ҷорӣ кардаанд. Шоирони советӣ Н. С. Тихонов, Э. Г. Багрицкий Б.-ҳое офариданд, ки мавзӯи қаҳрамонӣ дорад. Дар адабиёти советии тоҷик Б. жанри тамоман нав буда, бештар дар эҷодиёти М. Турсунзода («Қиссаи Ҳиндустон») ва М. Қаноат дучор мешавад.

С. Давронов.

БАЛЛИ́СТИКА (нем. ballistik — ҳаво медиҳам), илмест дар бораи ҳаракати тир, снаряд (гулӯла), мина, бомбаи авиационӣ, снарядҳои реактивӣ ва ғ. Б. илми ҳарбӣ-техникист, ки ба маҷмӯи фанҳои физика ва математика асос ёфтааст. Б. дохилӣ ва берунӣ мешавад.

Б.-и д о х и л ӣ ҳаракати снарядро дар мили тӯп бо таъсири гази *борут*, инчунин қонуниятҳои диг. процессҳои дар мили тӯп ё камераи ракетаи боруті бавуҷудояндаро меомӯзад.

Б.-и б е р у н ӣ ҳаракати снарядҳои идоранашаванда (мина, тир ва ғ.)-ро баъди аз мил баромадан ва омилҳои ба ин ҳаракат таъсиркунандаро меомӯзад.

БАЛОЗУ́РИ البلاذری Абулҳасан Аҳмад ибни Яҳьё ибни Ҷобир ибни Довуд (тақр. 810 ё 812—892), муаррихи араб, аслан эронӣ. Бобои Б.— Ҷобир ибни Довуд дар Миср вазифаи котибии ал-Ҳасиб, садри девони хироҷи он мамлакатро ба ӯҳда доштааст. Б. дар овони ҷавонӣ илмҳои замонашро омӯхт. Минбаъд Б. ба дарбори халифаҳои Аббосиён роҳ ёфт. Сарчашмаҳо аз мақоми босазои ӯ дар дарбори халифаҳо Мутаваккил (847—861), Мустаъин (862—866) ва Муъ-

тазз (866—869) дарак медиҳанд. Дар охирҳои умр аз дарбор дур карда шуд. Б. аз носипосии дороён нисбат ба аҳли илм ба хашм омада, дар ҳаҷвияҳои худ онҳоро ҳадафи мазаммат қарор медиҳад. Ниҳоят, ӯ аз он зиндагии бенавоёна ва ғояти муфлисӣ ба касалии рӯҳӣ дучор гардида, вафот кард. Аз асарҳои Б. дутояш — «Насабҳои ашроф» («Ансоб-ул-ашроф») ва «Фатҳи кишварҳо» («Футӯҳ-ул-булдон») то замони мо расидаанд. Б. дар «Футӯҳ-ул-булдон» таърихи фатҳи мамлакатҳои гуногунро аз тарафи хилофати араб дар пайдарҳамии хронологӣ нишон додааст. Асар маълумоти муҳими таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, географӣ, топографии мамлакатҳои забт кардаро фаро мегирад. «Футӯҳ-ул-булдон» аз 90 боб иборат буда, яке аз онҳо ба фатҳи давлатҳои Осиёи Миёна бахшида шудааст. Дар ин боб оид ба таърихи а-ҳои 7—9 Осиёи Миёна маълумотҳое мавҷуданд, ки ҳатто таърихи Табарӣ онро доро нест. Ин асар дар замони муаллифаш сазовори баҳои баланд гардида буд. Яке аз ҳамасрони ӯ — муаррих *Масъудӣ* чунин навишта буд: «Оид ба футӯҳот мо асареро, ки беҳтар аз «Футӯҳ-ул-булдон»-и Балозурӣ бошад, намешиносем».

Ад.: Крачковский И. Ю., Избр. соч., т. 4, М.-Л., 1957. *Ғ. Ғоибов.*

БАЛОҒАТ (ар. بلاغة — балиғ ва расо будани сухан), яке аз ҷузъҳои назарияи адабиёти классикии форс-тоҷик, ки равонӣ, фасеҳӣ ва мувофиқи мақом ба кор бурдани каломро тақозо мекунад. Дар Б. шарти асосӣ аз заъфи таълиф холӣ ва ба зеҳни шунаванда наздик будани сухан аст. Б. аз илмҳои маонӣ, баён ва бадеъ иборат буда, дар сурати риоя нашудани шарти яке аз ин илмҳо Б.-и сухан нуқсон меёбад. Б. рукни услуб ва фасоҳат ҷузъи Б. ба ҳисоб меравад. *Х. Шарифов.*

БАЛТИКА (славянҳои қадим б а ҳ р и В а р я г меномиданд), баҳри дохили материкии уқ. Атлантик. Б. ба воситаи гул-ҳои Эресунн (Зунд), Бельтаи Калон ва Хурд, Каттегату Скагеррак бо б. Шимолӣ, ба воситаи роҳи обии Волгаю Балтика бо д. Волга ва ба воситаи кан. Баҳри Сафеду Балтика бо Баҳри Сафед пайваст мебошад. Дар соҳилҳои Б. давлатҳои СССР, РХП, РДГ, РФГ, Дания, Швеция ва Финляндия ҷо гирифтаанд. Масоҳ. 386 ҳаз. км². Чуқурияш 40—100 м, ҷои чуқуртаринаш 459 м. Соҳилҳои ҷан. ва ҷан. шарқияш асосан паст, регзор, аз тарафи хушкӣ онро ҷангалҳо пӯшидаанд. Соҳилҳои шим. шаҳдор, халиҷҳои зиёд дорад, калонтарини онҳо: Ботник, Фин, Рига, Курша, Гданьск ва ғ. Ҷаз-ҳои калонаш: Готланд, Борнхольм, Сааремаа, Муху, Хийумаа, Эланд, Рюген. Ба Б. д.-ҳои Нева, Двинаи Ғарбӣ, (Даугава), Неман, Висла, Одра ва дигг.-ҳо мерезанд. Зимистон ҳарор. об дар ҷойҳои кушод 1°, 3° С., дар назди соҳилҳо аз 0° пасттар; тобистон то 19°, 20° С. Шӯрии сатҳи об дар қисми ғарбӣ 11‰, қисми марказӣ то 6—8‰. Иқлими Б. мӯътадили баҳрӣ, уқ. Атлантик ба он таъсири калон мерасонад. Қисми шимоли хал. Ботник дар як сол 210 рӯз, қисми миёна 185 рӯз, хал. Рига 80—90 рӯз, гул-ҳои назди Дания 16—45 рӯз ях мебанданд. Дар мамлакатҳои атрофи Б. қариб 140 млн наф. аҳолӣ зиндагӣ карда, тақрибан 15% маҳсулоти саноати ҷаҳонро медиҳад. Аҳамияти хоҷагӣ ва нақлиётии Б. барои давлатҳои атрофи он хеле бузург аст. Бисьёртар равғанмоҳӣ (треска), милит (килька), окунь шикор карда мешавад. Б. барои аз ноҳияҳои Марказӣ, Ғарбӣ ва Шим. Ғарбии СССР ба уқ. Атлантик баромадан роҳи кӯтоҳтарини баҳрӣ аст. Савдои берунии Польша, РДГ, Швеция, Дания ва қисми зиёди импорту экспорти Финляндия аз Б. мегузарад. Бандарҳои калонтарини Б.: Ленинград, Таллин, Рига, Лиепая, Клайпеда, Калининград (СССР); Гданьск, Гдыня, Шецин, (Польша); Росток, Варнемюнде (РДГ); Любек, Киль (РФГ); Копенгаген (Дания); Стокгольм, Мальмё, Сундсваль, Лулео (Швеция); Турку, Хельсинки, Котка (Финляндия).

БАЛТИМОР (Baltimore), шаҳр дар шт. Мэриленди ШМА, дар соҳили хал. Чесапики уқ. Атлантик. Аҳол. 906 ҳаз. наф. (1970, бо атрофаш 2070 ҳаз.). Бандари калони баҳрӣ. Узели р. о. ва роҳи автомобильгард. Маркази муҳими саноат; хусусан саноати металлургияи сиёҳ ва ранга, мошинсозӣ (асосан киштисозӣ), электротехника, радиоэлектроника, авиаракета, коркарди нефть, химия ва хӯрокворӣ тараққӣ кардааст. 2 ун-т, консерватория, муассисаҳои илмӣ, музейҳо дорад. Б. с. 1682 буньёд ёфтааст.

БАЛТӮШИС Юозас (тахал. фам. ва номи аслиаш Альбертас Юозенас; тав. 14. 4. 1909, Рига), нависанда ва ходими ҷамъиятии Литва. Асарҳояш аз с. 1932 нашр мешаванд. С-ҳои 1959—67 ҷонишини раиси Президиуми Совети Олии РСС Литва буд. Муаллифи маҷмӯаи ҳикояҳои «Оғози ҳафта нек аст» (1940), «Юнучқаи сафед» (1943), «Валюсаро Алексас лозим» (1965), «Бо пайраҳаҳои падарону бародарон» (1967). Дар пьесаи «Бонги хурӯсон» (1947) Б. образи реалистии кулакро ва дар романи «Солҳои фурӯхташуда» (китоби 1—2, 1957—69, ба тоҷикӣ, китоби 1, 1972) як қатор образҳои муздурони деҳотро офаридааст. Романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромиро ба литвонӣ тарҷума кардааст. Бо 2 орден ва чанд медаль мукофотонида шудааст.

БАЛУҶИСТӢН, ноҳия дар Осиё, дар ҷан. шарқии кӯҳсори Эрон. Масоҳ. зиёда аз 0,5 млн км². Б.-и Шарқӣ (348 ҳаз. км²) ба ҳайати Покистон ва Б.-и Ғарбӣ ба ҳайати Эрон дохиланд. Аҳол. қариб 2 млн наф. (1969), балуҷҳо (1,5 млн), брагуиён (0,35 млн) ва ғ. Аз маъхазҳои бостонӣ маълум, ки давраҳои қадим дар терр. Б. асосан халқҳои мака ва гедросиҳо зиндагонӣ кардаанд. Дар асрҳои миёна Б. тадриҷан ба ҳайати хилофати араб, давлатҳои Ғазнавиён, Салҷуқиён, Холгуиҳо, Темуриён дохил буд. Дар ибтидои а. 17 дар терр. Б. чанд мулкҳои феодалӣ ба вуҷуд омад, ки ҳокимонашон ба давлатҳои Сафавиён ва Темуриёни Ҳинд тобеъ буданд. Ҳокими зӯртарини музофоти Калот Носирхони Балуҷ (1750—95) тамоми терр. Б.-ро ба тасарруфи худ дароварда, худро тобеи шоҳони Дурронии афғон эълон намуд. Аз ибтидои а. 19 Англия ба Б. таъсир расондан гирифт. Мувофиқи шартномаҳои с-ҳои 1854, 1876 ва 1879, ки ба дӯши ҳокимони Калоту Кобул бор карда буданд, Б.-и Шарқӣ ба Англия тобеъ ва расман ба Б.-и Британӣ ва Федерацияи музофоти балуҷӣ (Калот, Ҳорун, Макрон, Лас-Бела) тақсим карда шуд. Б.-и Ғарбӣ с-ҳои 1849—57 ба ҳайати Эрон дохил гардид. Авг. 1947 Б.-и Британӣ ва марти 1948 Федерацияи музофоти балуҷӣ ба ҳайати Покистон дохил шуданд. Мувофиқи шартномаи Эрону Покистон 29 окт. 1956 сарҳади байни Б.-и Шарқию Ғарбӣ муайян карда шуд.

БАЛУҶҲО (худ б а л у ҷ; б а л о ч гӯянд), халқ, қисми аҳолии Покистон ва Эрон. Инчунин дар Ҳиндустон, Афғонистон, Туркманистон ва Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд. Шумораи умумиашон беш аз 2 млн (1967). Дар СССР 13 ҳаз. (1970). Ба *забони балуҷӣ* ҳаф мезананд. Диндорон мусулмони суннӣ. Машғулияти асосӣ — чорводорӣ ва зироаткорӣ. Б.-ро аввалин бор а-ҳои 9—10 кишваршиносони араб номбар кардаанд. Б. он замон дар Кирмон ва Систон мезистанд. Дар натиҷаи тохтутози ҳайтолиҳо (а. 5), салҷуқиҳо (ибт. а. 11), муғулҳо (а. 13), истилои Темур (а. 14) тадриҷан ба Ҷ. ва баъд ба Ш. кӯчида, сарзамини васеъро ишғол намуданд, ки Балуҷистон ном гирифт. Дар Тоҷикистон дар Фархор, Колхозобод ва як қатор ноҳияҳои ҷанубӣ зиндагӣ мекунанд. Б.-и Тоҷикистон ба яке аз шеваҳои забони тоҷикӣ ҳаф мезананд, вале ба тарзи хосаи худ либос пӯшида, иморат месозанд. *Н. Мирзоев.*

БАЛХ, Бахдӣ باخ، بغدی، بلخ — димнаи қадима дар масофаи 23 км дар самти ғарбии Мазори Шариф, шим. Афғонистон, наздики шаҳри ҳозираи Вазиробод. Харобазори қадимии ш. Бактрий (дертар Балх) — пойтахти давлати *Бохтар*, инчунин Балхи асримиёнагӣ, ки аз чанд вайрона иборат буда, ҳоло дар зери тали Болои Ҳисор воқеъ аст. Масоҳ. умумии димна қариб 150 га. Б. а-ҳои 6—4 то м. буньёд шуда, яке аз марказ-

ҳои нахустини қабилаҳои ориёнӣ ва зеботарин шаҳри замони худ буд. Аз Б. роҳи корвон мегузашт, ки Осиёи Миёнаро бо Ҳиндустон ва Ҳиндустонро бо Хитой (ба воситаи Кобул) мепайваст. Дар тӯли а-ҳои 3—2 то м. Б. маркази шоҳии *Юнону Бохтар* буд. А-ҳои 5—6 Б. ба маркази дини буддоӣ табдил ёфт, ки маъбади пуршукӯҳи «Оташкадаи Навбаҳор» нишони он аст. Б.-ро а. 7 арабҳо тамоман хароб карданд. С. 785 аз нав барқарор гардид. Б. дар а. 10 аз шаҳристон ва работ иборат буд, дар он сулолаи Абӯдовуд ҳукм меронд. Дар байни шаҳрҳои замони *Сомониён* Б. яке аз калонтаринҳо буда, бо Бухоро рақобат дошт. Б. дар а-ҳои 11—12 ба ҳайати давлатҳои *Ғазнавиён, Салҷуқиён* ва *Ғуриён* дохил гардид. С. 1221 Чингизхон Б.-ро ба хок яксон ва аҳолиро қир кард. Дар Б. чанд ёдгории меъморӣ мавҷуд аст, ки ба а-ҳои 15—16 мутааллиқанд. Аз нимаи дуюми а. 16 то миёнаи а. 19 дар Б. волиёни амирони Бухоро ҳукм ронданд. Дар аҳди Султон Ҳусайн Б. тадриҷан таназзул ёфта, бо Мазори Шариф як шуд. Аз с. 1969 дар қисми биёбони мавзеи Б. бостоншиносони советӣ тадқиқот мебаранд.

Ад.: Пугаченкова Г. А., Искусство Афганистана, М., 1963; Массон В. М., Ромодин В. А., История Афганистана, т. 1, М., 1964; Бартольд В. В., Соч., т. 7, М., 1971. *А. Мирбобоев.*

БАЛХАШ, кӯли баста дар қисми шарқии РСС Қаз. Дар ҳамин васеи Балхашу Алокӯл, дар бал. 340 м аз с. б. ҷойгир аст. Масоҳ. 17—22 ҳаз. км², дароз. 605 км, бараш дар қисми шарқӣ 9—19 км, ғарбӣ то 74 км. Чуқуриаш то 26 м. Ҳаҷми массаи об 112 км³, масоҳ. ҳавзааш қариб 501 ҳаз. км². Ба Б. д-ҳои Или, Қаротол, Оқсу, Лепси ва ғ. мерезанд. Ҷазираҳо каманд, калонтаринашон — Басарал ва Тасарал. Иқлими атрофи кӯл биёбонӣ. Ҳарор. миёнаи июль қариб 24°С, янв. қариб — 8°С. Миқдори боришоти солона 120 мм. Б. аз охирҳои нояб. то миёнаи апр. ях мебандад. Соҳилҳои шим. кӯл баланду шахдор, ҷан.—пасти регзор ва найзор. Соҳилҳояш ниҳоят каҷу килеб. Оби қисми шарқии Б. ширин, ғарбиаш шӯр. Нимҷаз. Сариесик Б.-ро аз ҷиҳати гидрологӣ ба ду қисм — ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо мекунад. Онҳо бо гулӯгоҳи камбари (3,5 км) Узинарал пайваст мешаванд. Дар Б. 20 навъи моҳӣ зиндагӣ мекунад, ки 6 хелаш — ширмоҳӣ, окунь, фукмоҳиҳои холдору якранг — губач ва гольян ба ҳуди Б. хос аст. Асосан загорамоҳӣ, судак, окунь, ширмоҳӣ ва симмоҳӣ шикор мекунанд. Дар Б. мунтазам киштӣ мегардад. Истгоҳҳои киштӣ: Бурилбайтал, Балхаш. Соҳили шимолиаш кони калони мис дорад.

БАЛХАШ, шаҳр дар вил. Ҷезқазғани РСС Қаз. Истгоҳи киштиҳо дар соҳили шим. Балхаш. Ст. р. о. Аҳол. 79 ҳаз. наф. (1977). Ҳамчун маркази саноати металлургияи ранга с. 1937 бо сохта шудани комб. мис буньёд ёфтааст (аз маъдани конҳои Қӯнғирот, Ҷезқазғаи ва Успенское, инчунин аз ангишти Қарағанда истифода мебарад). Дар Б. з-дҳои механикӣ, прокати ранга, комб-ҳои консерви моҳӣ ва масолеҳи бинокорӣ, станцияи калони электрикӣ, инчунин фак-ти шаҳонаи ин-ти политехникии Қарағанда, техникуми химияю металлургия, омӯзишгоҳи тиббӣ, боғи ботаникии АФ РСС Қаз. мавҷуданд.

БАЛЪАМӢ بلعمی Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ (с. тав. номаълум—ваф. 14. 11. 940, Бухоро), олим, ходими давлат, вазири амир *Наср ибни Аҳмади* Сомонӣ (914—943). Дар давраи салтанати Наср ибни Аҳмад ва вазирии Ҷайҳунию Б. давлати Сомониён ба авҷи тараққӣ расид. Б. шахси маърифатнок ва ҳомии шуарою уламо буд. Б. хусусан қадри Рӯдакиро шинохта, ӯро аз ҳамаи шоирони муосири араб ва форс боло мегузошт. Б. инчунин ба сохтмон аҳамияти калон медод, бисьёр ёдгориҳои машҳури Марву Бухороро ба Б. алоқаманд медонанд. Б. сазовори номи «аш-шайх ул-ҷалил» («шайхи бузург») шуда буд. Б. аҳли илму адабро дастгирӣ карда, ба пешрафти ҳаёти маданиии Бухоро мусоидат намуд. *Ӯ. Пӯлодов.*

БАЛЪАМӢ بلعمی Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад (с. тав. номаълум — ваф. 27 2. ё 27. 3. 974, Бухоро), писари Абулфазли Балъамӣ, олим, муаррих, арбоби давлат, вазири дарбори Сомониён дар аҳди *Абдулмалик* ибни Нӯҳ (954—961) ва *Мансур ибни Нӯҳ* (961—976). Ба вазир шудани Б. гӯё ҳоҷиб *Алптагин* сабаб шудааст. Б. ва Алптагин ҳамдигарро дастгирӣ намуда, ҳар кореро бо маслиҳат мекарданд. Пас аз вафоти Абдулмалик ибни Нӯҳ Б. бо маслиҳати Алптагин писари хурдсоли Абдулмалик Насрро ба тахт шинонд, вале салтанати Наср танҳо як рӯз давом кард. Хонадони Сомониён ва низомиён тарафдори Мансур ибни Нӯҳ буданд ва ӯро ба тахт шинониданд. Б. ба тарафи Мансур гузашт ва аз Алптагин даст кашида, то охири умр дар вазифаи вазирӣ монд. С. 963 Б. асари машҳури Табариро ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума карда, ба он бисьёр лаҳзаҳои ҳаёти халқҳои форсизабон, аз ҷумла достони «Баҳроми Чӯбина»-ро илова намуд. Нусхаи форсӣ-тоҷикии *«Таъриҳи Табарӣ»* аввалин асари мукаммали таъриҳӣ буд ва Б. дар таъриҳ асосан бо ҳамин кори худ машҳур аст. *Ӯ. Пӯлодов.*

БАЛЬБО́А, воҳиди пули Панама (дар қатори доллари ШМА). Ба 100 сентесимо баробар. Қиматаш 0,888671 г тиллои соф.

БАЛЬЗА́К (Balzac) Оноре де (20. 5. 1799, Тур — 18. 8. 1850, Париж), нависандаи франсавӣ, намояндаи

машҳуртарини реализми танқидӣ. Аз оилаи амалдор. Б. аз 4-солагӣ аввал дар коллеҷ, баъди ба Париж кӯчидан (1814) дар мактаби ҳуқуқ таълим гирифта, дар як вақт ҳонда ва дар идораи нотариалӣ кор карда, дар Ун-ти Сорбон аз адабиёт лекцияҳо шунидааст. С. 1819 баъди тарки таҳсил ба мутолиаи мустақилона ва таълифи асарҳои бадеӣ машғул мешавад. Асарҳои давраи аввали эҷодиёташро бо тахаллусҳои гуногун ва ҳамроҳи дигарон навиштааст. Дар ҳаёти Б. нокомиҳо пеш омадаанд: ду маротиба номзадиаш ба палатаи депутатҳо (1832 ва 1848) нагузашт. С-ҳои 1822—25 Б. бо имзоҳои гуногун 8 роман чоп кард. Аз с. 1834 ба хулосае омад, ки тамоми қаҳрамонони асарҳояшро (аз с. 1829) ба ҳам алоқаманд намуда, бо қаҳрамонони асарҳои минбаъдааш мутобиқат диҳад ва дар як эпопея гирд оварад. Тамоми ин силсила баъдтар «Мазҳакаи инсон» ном гирифт. Ба «Мазҳакаи инсон» 90 асар дохил аст. Сарчашмаҳои драматизми силсилаи асарҳои ӯ дар хусусияти драмавии давр ва зиндагии инсон нуҳуфта аст. Вобастагии шахсиятро ба ҷамъият ва таъриҳ ҳеҷ кадоме аз адибони пешгузаштаи Б. ба дараҷаи ӯ фаҳмида натавонистаанд. Ин нукта дар «Гобсек» (1830; тарҷ. тоҷ. 1955), «Евгения Гранде» (1833), «Банкхонаи Нусинген» (1838), «Деҳқонон» (1844), «Кузен Понс» (1846—47) ва ғ. равшан ифода ёфтааст. Ф. Энгельс асарҳои Б.-ро сарчашмаи муҳимми омӯзиши таъриҳи ҷамъияти франсавӣ шумурдааст. Б. 5 пьеса низ дорад, ки «Модарандар» (1848, Театри академии драмаи Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ с. 1965 ба забони тоҷикӣ ба саҳна гузошт) яке аз онҳост. «Ҳикояҳои шӯх»-и ӯ (1832—37) дар рӯҳияи *Рабле* ва эҷодиёти лафзии халқи Франция эҷод шудаанд.

Б. дар байни хонандагони Иттифоқи Советӣ шӯҳрати босазо дорад. Куллиёти ӯ се бор нашр шудааст. Ба забони тоҷикӣ ғайр аз «Гобсек» «Полковник Шабер»-и Б. (1974) низ тарҷума шудааст.

БАЛЬНЕОЛО́ГИЯ (аз лот. balneum—ҳаммом, оббозӣ ва *...логия*), як қисми тиб, ки пайдоиш ва хосиятҳои химиявию физикии обҳои минералӣ, усулҳои истифодаи онҳоро бо мақсади муолиҷа ва пешгирии бемориҳо меомӯзад. Бальнеография (тавсифи курортҳо), бальнеотерапия (муолиҷа бо оби минералӣ), бальнеохимия (омӯзиши хосиятҳои химиявии оби минералӣ) ва бальнеотехника (ҳифзи оби

минералӣ ва истифодаи ботадбири он) Б.-ро ташкил мекунанд.

БАЛЬНЕОТЕРАПИЯ (аз лот. balneum — ҳаммом, оббозӣ ва *терапия*), табобати бадан бо *оби минералӣ*. Усулҳои муолиҷаи Б.-вӣ аз қабули ванна ва дар ҳавзҳои оби минералӣ оббозӣ кардан иборатанд. Шифобахшии оби минералӣ ба моддаҳои таркиби буғ, ҳарорат ва фишори гидростатикии он вобаста мебошад. Газ (CO_2, H_2S, NO_2) ва баъзан моддаҳои радиоактиви оби минералӣ (мас., радон) бо пӯст, пардаи луобӣ ва роҳи нафас ба хун гузашта, рецептори асабро ба ангезиш оварда, фаъолтар менамояд. Оби минералиро дар Б. барои муолиҷаи касалиҳои дил, раги хун, системаи асаб, узвҳои дарунӣ, буғумдарду беморихои пӯст ва ғ. истифода мебаранд. Ҳангоми Б. бо мақсади табобат ё пешгирии беморӣ оби минералиро ба бемор менӯшонанд, даҳону гулӯяшро ғарғара, ингаляция мекунанд, моҳдаю рӯдаашро мешӯянд. Ҳангоми ихтилоли гардиши хун, беморихои сироятӣ, саратон, сил, цирози ҷигар, беморихои гурда Б.-ро тавсия намекунанд.

БАЛЮК Василий Матвеевич (тав. 1916, деҳаи Кгчавискийи вил. Харьков), агроном, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1953). Аъзои КПСС аз с. 1949. С. 1936 Ин-ти х. қ.-и Харьковро хатм кард. С-ҳои 1936—49 агроном ва 1949—55 директори МТС-и р-ни Регар ва Кӯктош, 1955—62 ҷонишини раиси Комитети Советии депутатҳои меҳнаткашони р-ни Москва ва аз с. 1963 сарагрономи Управлениями х. қ.-и р-ни Орҷоникидзеобод. Бо ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, 2 ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо (аз ҷумла 2 медали нуқраи НКХХ СССР) мукофотонида шудааст.

БАЛҒАРӢ, деҳа дар С. қ. Қалъаи Баланди р-ни Ӯротеппаи вил. Ленинобод. Дар терр. с-зи «Ӯротеппа». Аз Б. то маркази С. қ. 3 км, то маркази шаҳр 5 км, роҳ асфальт. Аҳол. 614 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби ибтидоӣ, китобхона, пункти тиббӣ, магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан обчакорӣ. Заминҳо аз обанбори Каттасой обьёрӣ мешаванд.

БАЛҚАРҲО́ (худ таулу, маллкъарли гӯянд), халқ, аҳолии асосии қисми ҷан. ва ҷан. ғарбии РАСС Кабардаю Балқар. Як қисми Б. дар РСС Қаз. зиндагӣ мекунанд. Шумораашон дар СССР 60 ҳаз. (1970). Ба забони қарачаю-балқарӣ гап мезананд. Диндорон мусулмонони суннӣ. Этногенези Б. пурра муайян нагардидааст. Тахмин мекунанд, ки Б. дар натиҷаи омезиши қабилаҳои таҳҷоии Қавкази Шимолӣ ва қабилаҳои муҳоҷири эронзабону туркзабон (аланҳо, булғорҳо, хазарҳо, хусусан қипчоқҳо) ташаккул ёфтаанд. То Рев. Каб. Соц. Октябрь асосан бо чорводорӣ ва зироаткорӣ машғул буданд. Ҳоло дар оилаи баробарҳуқуқи халқҳои советӣ зиста, дар саноат ва х. қ. мутараққӣ кор мекунанд. Ниг. низ *Кабардаю Балқар*, *РАСС*.

Бамако. Намуди қисми шаҳр.

БАЛҶУВО́Н, вилояти таърихӣ. Дар давраи Сарабек атолиқ (1856—70) мулки Б. ба аморати Бухоро ҳамроҳ ва ба ду вилояти мустақили Кӯлоб ва Б. тақсим шуда, дар онҳо бекҳои Бухоро таъин гардиданд. Сарабек ба Афғонистон гурехт. Б. ба воситаи д. Вахш бо Ҳисор ҳамсарҳад буд. Ба ҳайати Б. терр. ҳозираи р-нҳои Данғара, Совет, як қисми Восеъ, Ховалинг, Кангурт, Сарихосор, Ҷорӯбқул, Тутқавул дохил мешуданд. Мувофиқи маълумоти сайёҳи рус Покатило с. 1886 дар 15 амлоки бекии Б. 20 ҳаз. хоҷагӣ мавҷуд буд, ки 60 ҳаз. аҳолӣ дошт. Аксарияти аҳолии Б.-ро тоҷикон ташкил мекарданд, ки онҳо бо деҳқонӣ машғул буданд. Бозори калони Б. ҳафтае ду маротиба (шанбе ва чоршанбе) мегузашт. Б. дар ибтидои а. 19 чун давлати мустақил танга сикка мезад. Бо бекиҳои Дарвоз, Каротегин, Ҳисор алоқаҳои тиҷоратӣ дошт. Ба Б. аз Туркистон, Ҳиндустон, Афғонистон ва Россия маҳсулот оварда мешуд. Хусусан ба матои Россия талабот меафзуд. То Рев. Октябрь ҳаёти аҳолии меҳнаткаш хеле вазнин ва зулму асорати аморати Бухоро авҷ гирифта буд. Бинобар ин халқ борҳо шӯриш бардоштааст, ки онҳо дар таърих бо шӯришҳои 1870, 1874, 1885—86, 1905—07, Шӯриши Муллохол ва *Шӯриши Восеъ* машҳуранд.

Ад.: Арандаренко Г. А., Досуги в Туркестане 1874—89, СПБ, 1889; Искандаров Б. И., Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в., ч. 1—2, Д., 1962—63.

Ш. Юсуфов.

БАЛҶУВО́Н, деҳа дар С. қ. Кангурти р-ни Совет, вил. Кӯлоб. Терр. с-зи «Кангурт». Аз Б. то маркази С. қ. 27 км, то маркази район 52 км, роҳ. автомобильгард. Аҳол. 460 наф. (1976), тоҷикон. Б. дорои мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, АТС, радиоузел, магазин, чойхона, ошхона, филиали комб. хизмати маишии район мебошад. Дар деҳа харобаи қалъаи мири Балҷувон боқӣ мондааст. Аҳолӣ бо чорводорӣ, ғаллакорӣ ва боғдорӣ машғул аст. Дар наздики Б. конҳои нефту газ ёфт шудаанд.

БАМ ق., садои ғафс дар мусиқӣ, муқобили *зер*. Тори ғафси уд, рубоб, танбӯр, ғижжак ва ғ.

БАМ, ниг. *Магистрали Байкалу Амур*.

БАМАКО́ (Bamako), пойтахт (аз с. 1960), маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Республикаи Малӣ. Дар соҳили чапи д. Нигер воқеъ аст. Ст. р. о., узели роҳҳои автомобильгард. Аэропорт дорад. Аҳол. беш аз 400 ҳаз. наф. (1976, бо атрофаш). Дар Б. ст. электрикӣ, з-дҳои пиво, истеҳсоли мебели металлӣ, маснуоти пластмасса, приёмникҳои транзисторӣ ва ғ. мавҷуданд. Кандакории чӯб, устухони фил ва санъати ҳунармандӣ тараққӣ кардааст. Б. мактабҳои махсус, лицей, коллеҷ, ин-тҳои санъати тасвирии миллӣ, тадқиқоти илмӣ ва клиника дорад. Мувофиқи лоиҳаҳои меъморони советӣ Л. Н. Афанасьев ва диг. дар Б. комплекси биноҳои спортӣ ва муассисаҳои таълимӣ сохта шуданд (1962—66). Аз Б. 3 км ба самти Шим., дар к. Кулуб маркази маъмурӣ ва собиқ қасри президент воқеъ аст.

БАМБА́Й (номи олиҳа Мумба), Бамбаи Калон, шаҳр дар Ҳиндустон, дар соҳили Б. Араб. Ҷаз. Бамбай ва қисми ҷан. ҷаз. Солсеттро ишғол кардааст. Маркази маъмурии шт. Маҳараштра (аз 1960). Яке аз муҳимтарин марказҳои саноат, тиҷорат ва нақлиёти мамлакат. Аҳол. 6,0 млн наф. (1971), Аэродромаш Санта-Крус. Б. бандари калони баҳрӣ аст, ки онро «Дарвозаи Ҳиндустон» меноманд. Муомилоти солонаи мол зиёда аз 10 млн т. Б. — яке аз калонтарин марказҳои саноати матоъҳои пахтагӣ дар ҷаҳон. Соҳаҳои диг. саноаташ: мошинсозию коркарди металл, химияю нефть, полиграфия, кино, инчунин чарму пойафзол, хӯрокворӣ, чӯбгарӣ ва ғ. Аз бандари Б. пахта ва матоъ-

ҳои пахтагӣ, зироатҳои равғандор, пӯст содир ва молҳои саноатию таҷҳизот, ангишту нефть ворид мешавад. Б. маркази маданию илмист. Реактори атомӣ дар Тромбей с-ҳои 1961—66 бо ёрии СССР сохта шудааст. Ун-т дорад. Қад-қади хал. Бэк-Бей маҳалҳои навбуньёди Марин-Драйв ҷой гирифтаанд. Шаҳр ба самти Шим., сӯи ҷазираи Солсетт васеъ мешавад. Дар атрофи Б. ёдгориҳои таърихии а. 8 боқианд. Б. фактория ва пункти ҳарбию такьягоҳи Британия дар Ҳиндустони Ғарбӣ буд (аз 1661). Нимаи 2-юми а. 19 нахустин саноати миллии Ҳиндустон дар Б. барпо шуд. Шаҳр маркази ҳаракати коргарии мамлакат гардид (корпартии с. 1908 ва ғ.). Февр. 1946 дар Б. шӯриши баҳрчиёни ҳарбӣ рӯй дод, ки дар натиҷаи дастгирии тамоми коргарони шаҳрҳои мамлакат Ҳиндустон мустакил шуд (1947).

БАНАХ (Banach) Стефан (30. 3. 1892, Краков — 31. 8. 1945, Львов), математики поляк, проф. Ун-ти Львов (1924). Яке аз эҷодкорони таҳлили функционалӣ. Фазои хаттие, ки дар он функционалҳои хаттӣ ва операторҳоро меомӯзанд, бо номи Б. машҳур аст.

Асари асосии ӯ «Назарияи амалҳои хаттӣ» ба забонҳои полякӣ (1931), франсавӣ (1933) ва украинӣ (1948) нашр гардидааст.

Ад.: Стефан Банах, «Успехи математических наук. Новая серия», т. 1, вып. 3—4, 1946.

БАНГ, бангдона (Cannabis indica), гиёҳи яксолаест аз бангдонаиҳо. Пояаш рости сершох, баландиаш 1—3 м. Дар Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Сурия ва Африкаи Шимолӣ асосан барои истеҳсоли нашъа («банг» ҳам меноманд) ва равғаи парвариш мекунанд. Дар СССР Б. аҳамияти истеҳсолӣ надорад.

Ад.: Чиков П. С., Лаптев Ю. П., Витаминные и лекарственные растения, М., 1976.

БАНГӢ (Bangui), пойтахти Империяи Африкаи Марказӣ (аз 1960). Бандари дарьёӣ дар соҳили рости д. Убанги (шохоби д. Конго). Узели роҳҳои автомобильгард. Дар наздикии шаҳр аэропорти байналхалқӣ ҳаст. Аҳол. 240 ҳаз. наф. (1974). Тамоми борҳои мамлакат ва тақрибан $^1/_3$ қисми импорт ва экспорти давлати Чад ба воситаи Б. мегузарад. Б. дорои ф-каҳои дӯзандагӣ, пойафзол, тамоку, комб. матои пахта, з-дҳои маснуоти алюминӣ, пиво, мотоциклу велосипед; корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, равғаи, собун, чӯббурӣ ва ст. геофизикӣ мебошад. Дар маркази Б. биноҳои ҳозиразамон қад кашидаанд. Дар канорҳояш кулбаҳои маҳаллӣ боқӣ мондаанд. Б. с. 1890 дар ҷои истеҳкоми ҳарбии франсавиҳо буньёд шудааст.

БАНГИ ДЕВОНА (Datura stramonium), гиёҳи яксола, мансуби *авранчиҷо*. Баландиаш то 1,5 м. Пояи рост,

сершох, барги дарозрӯяи царрадор, гули қифшакли сафед, ғӯзаи байзашакли серхор, тухми гурдашакли сиёҳ дорад. Аз апр. то охири тирамоҳ гулу мева мекунад. Гиёҳи басо заҳрнок ва бадбӯй, ҳамчун алафи бегона дар боғу киштзор, заминҳои партов, қадқади ҷӯйбор, соҳили дарьё ва канори роҳҳо месабзад. Б. д.-и худрӯй дар Европа, тропикаи Африка, СССР (қисми Европой, Сибири Ғарбӣ, Шарқи Дур, Қрим, Кавказ ва Осиёи Миёна) паҳн шудааст. Ба Америкаи Шимолӣ ва Зеландияи Нав низ бурдаанд. Ҳамчун гиёҳи шифой дар Франция, Англия, Венгрия, Япония, Хитой ва инчунин СССР (Кавкази Шим. ва Украина) мекоранд. Дар РСС Тоҷ. дар ҳама ҷо (ғайри Помири Шарқӣ) паҳн шудааст. Барги он ашьёи хоми доруворӣ буда, дар айёми шукуфти гули растанӣ меғундоранд. Доруи Б. д. (астматол, астматин ва ғ.) дар тибби муосир барои муолиҷаи зиққи нафас, касалиҳои асабу рӯҳӣ, тарбод, невралгия ва ғ. истифода мешавад. Барги Б. д. алкалоидҳои заҳрноки гиосциамин, скополамин, атропин (0,20—0,51%), равғаи эфир (0,04%), каротин (0,1%), моддаҳои даббоғӣ (1,7%) ва ғ. дорад.

Ад.: Гаммерман А. Ф., Лекарственные растения (Растения — целители), М., 1975; Чиков П. С., Лаптев Ю. П., Витаминные и лекарственные растения, М., 1976. *М. Ҳоҷиматов.*

БАНГКОК, Банкок, пойтахт (аз 1782), маркази асосии саноат ва бандари Таиланд. Дар поёноби д. Менам-Чао-Прая, 30 км дуртар аз хал. Сиами б. Ҷануби Хитой воқеъ. Аҳол. қариб 4 млн наф. (бо атрофаш, 1975). Б. яке аз марказҳои савдою нақлиёти байналхалқист. Узели р. о., роҳҳои автомобильгард ва алоқаи ҳавой. Аэропорташ — Донг-Мыанг (32 км дуртар аз Б.) аҳамияти байналхалқӣ дорад. Дар Б. ва атрофи он корхонаҳои шолиқӯбӣ, тахтабурӣ, чӯбгарӣ, инчунин саноати резин, коғаз, бофандагӣ, шишаю кулолӣ, цемент, химия мавҷуданд. Ҳунармандӣ тараққӣ кардааст. Аз чӯб, металл, сангҳои қиматбаҳо, устухони фил ҳаргуна маснуоти армуғонӣ тайёр мекунанд. Б. ун-т (1917), ин-тҳои тиббӣ, х. қ., илмҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ, қасру маъбадҳои бисьёр (а-ҳои 18—19) дорад. Каналҳои зиёде Б.-ро бурида мегузаранд. Як қисми биноҳои шаҳр дар рӯи обанд. Б. маркази диниии мамлакат аст. Ҳамчун шаҳр аз а. 16 вуҷуд дорад.

БАНГЛАДЕШ, Республикаи халқии Бангладеш (Гоно Прочатонтри Бангладеш), давлат дар Осиёи Ҷанубӣ. Дар Ғ., Шим. ва Ш. бо Ҳиндустон, дар Ҷ.-и Ш.— бо Бирма ҳамсарҳад, дар Ҷ. онро хал. Бангалаи уқ. Ҳинд иҳота кардааст. Масоҳ. 142,7 ҳаз. км². Аҳол. зиёда аз 81 млн наф. (1977), 98%-и аҳолӣ бангалиҳо. Халқҳои чакма, кхаси, могх ва диг. зиндагӣ мекунанд. Зиёда аз 80%-и диндорон мусулмонанд, тақрибан 18% ҳиндуён. Забони давлатӣ — бангалӣ. Пойтахташ ш. Дакка (зиёда аз 1,5 млн аҳолӣ дорад, 1976). Аз ҷиҳати маъмурӣ Б. ба 4 вилоят тақсим мешавад.

Сохти давлатӣ. Б. республикаи халқӣ. Органи олии ҳокимияти қонунгузор то 8 нояб. 1975 Ассамблеяи миллӣ буд. 7 нояб. 1975 дар мамлакат табаддулот ба амал омад. Ҳукумат ба дасти маъмурияти ҳарбӣ гузашт. А. М. Сайём президент шуд (роҳбарии вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва мудофиа низ дар ӯҳдаи ӯ буд). 8 нояб. парламент пароканда карда шуд. 26 нояб. дар назди президент Шӯрои машвараті ташкил ёфт, ки он вазифаи Совети вазиронро ҳам иҷро мекунад. 22 апр. 1977 Зиёурраҳмон президенти Б. шуд.

Бангкок. Манзараи шаҳр дар соҳили д. Менам-Чао-Прая.



Табиат. Б. асосан дар канори шарқии ҳамвории Ҳинду Ганг воқеъ гардидааст. Хати соҳилиро, ки ба дарозии 550 км тӯл кашидааст, панҷаю шохаҳои сершумори дельтаи д.-ҳои азими Б.— Ганг ва Браҳмапутра бурида гузаштаанд. Шим. Ш. ва Ш. аз теппаю кӯҳҳои паст (баландиашон то 1230 м) иборат аст. Конҳои ангиштсанг, гази табиӣ, оҳаксанг, каолин ва торф мавҷуданд. Иқлимаш субэкватори, муссонӣ. Дарьёҳо хеле бисьёранд. Боронҳои муссонӣ боиси обхезиҳои тобистонӣ мегарданд; қисми зиёди мамлакат ҳар сол ба офати селобҳо дучор мешавад. Бешаҳои ҳамешасабзи тропикӣ паҳн шудаанд. Баландиҳоро буттазорҳо пӯшонидаанд. Дар ҷангал маймун бисьёр аст. Аз даррандаҳо бабри банголӣ, паланг, кафтори рах-рах, хирс вомехӯранд. Дар Ҷ.-и Ш. фили ваҳшӣ боқӣ мондааст. Хояндаҳо хеле зиёданд; мори айнакдор, мори печон ва тимсоҳ дучор меоянд. Олами паррандаҳо ва ҳашарот гуногун ва бой аст.

Аҳолӣ. 98%-и аҳолӣ банголиҳо. Дар районҳои шим. ғарбӣ ва марказӣ мусулмонон зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба ин ҷойҳо асосан аз районҳои гуногуни шим. Ҳиндустон кӯчида омадаанд. Дар районҳои шим. ва шарқии сарҳаддӣ, дар Ҷ.-и Ш. ва Ш. мамлакат халқҳои гуногуни камшумор зиндагӣ мекунанд, ки аксари диндорони ин халқҳо бутпарастанд. Насроніён қариб 150 ҳаз. наф. Дар Б. афзоиши табиии аҳолӣ зиёд аст — соле қариб 3%. Забони давлатӣ-банголӣ. Калонтарин ш-ҳо: Дакка, Кҳулна, Чаттагонг ва Нараянганҷ.

Очерки таърихӣ. Яке аз аввалин давлатҳое, ки а-ҳои 7—6 то м. дар ҳоки Б. ташкил шуда буд, Ванга мебошад. (Мамлакат номи ҳозираи худ: «Бангла»— банголӣ ва «деш»— кишварро аз ҳамин ҷо гирифтааст). Ҳоки Б. дар а. 4 то м.— а. 5 м. ба ҳайати империяҳои гуногуни қадими Ҳиндустон дохил буд. Охирҳои а. 6 Б. якҷоя бо мулкҳои ғарбӣ давлати ягонаи Банголаро ташкил дод. Дар а. 13 Банголаро султонҳои мусулмони салтанати Деҳлӣ истило карданд. Аз ҳамин вақт сар карда дини ислом дар Бангола паҳн шудан гирифт. Дар миёнаҳои а. 14 Бангола мустақил шуд. С-ҳои 70-уми а. 16 онро намояндаи Темуриёни ҳинд — Акбар забт кард, вале дар аввалҳои а. 18 Б. истиқлолият ба даст овард. Мустамликадорони англис с. 1757 Банголаро ишғол карданд ва баъди ин тамоми Ҳиндустонро ба тасарруфи худ даровардaнд. Б. с-ҳои 1757—1947 Ҳиндустони Британия ном гирифта, ба мустамликаи Англия табдил дода шуд. Аз аввали а. 19 дар Бангола ҳаракати миллӣ инкишоф меёбад. Ҳаракати миллии Бангола (монанди ҳаракати миллии тамоми Ҳиндустон) баъд аз ҷанги якуми ҷаҳонии 1914—18 ва Рев. Октябрь дар Россия хеле вусъат ёфт.

Авҷ гирифтани муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Осиёи Ҷанубӣ баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонии 1939—45 мустамликадорони англисро маҷбур кард, ки ба Ҳиндустон истиқлолият диҳанд (1947). Баъди он ки с. 1947 дар ҳоки собиқ Ҳиндустони Британия аз рӯи принципи динӣ ду давлат — Ҳиндустон ва Покистон ташкил ёфт, терр. Банголаи Шарқӣ, ки аҳолии он асосан аз мусулмонон иборат буд, ба ҳайати Покистон дохил шуд ва музофоти Покистони Шарқиро ташкил дод. Ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии Б. дар ҳайати Покистон суст ва нобаробар буд, бар замми он доираҳои ҳукмрони Покистон забони банголиро ҳамчун забони давлатӣ ба эътибор намегирифтанд, бинобар он ҳам ҳуқуқу озодиҳои банголиҳо поймол мегардид. Ҳамаи ин ба авҷ гирифтани ҳаракати миллии халқи Бангола оварда расонд, ки ба ин ҳаракат партияи «Авоми лиг», инчунин Партияи миллии халқ ва Партияи коммунистии Б. роҳбарӣ карданд. Дар аввалин интихоботи умумӣ (дек. 1970) «Авоми лиг» ғалабаи калон ба даст овард (аз 300 ҷой дар Маҷлиси миллии Покистон 162 ҷой гирифт). Кӯшиши натиҷаҳои интихоботро бекор кардани ҳукуматдорони ҳарбии Покистон, талаби ба Банголаи Шарқӣ мухторияти пурраи регионалӣ доданро рад кардани онҳо оташи норизогии халқро афрӯхт. 26 марти 1971 ватандӯстони банголӣ дар терр. Банголаи Шарқӣ ташкил ёфтани Республикаи халқии мустақили Бангладешро эълон карданд. Ватандӯстони банголиро таъқиб намудани ҳукуматдорони ҳарбии Покистон боиси он шуд, ки миллионҳо нафар банголиҳо ба Ҳиндустон гурехта рафтанд. Ин вазъият муносибатҳои Ҳиндустону Покистонро хеле тезутунд гардонид. Ҳукумати Советӣ бо мақсади ҳифзу пойдор гардонидани сулҳу амнияти борҳо диққати ҳукуматдорони Покистонро ба заруриятн хушӣ ба хушӣ ҳал кардани масъала ва даст кашидан аз сиёсати таъқибкунӣ ҷалб намуд. Азбаски маъмурияти ҳарбии Покистон аз ҳалли ин масъала рӯ гардонд аввалҳои дек. 1971 дар байни Ҳиндустон ва Покистон низои ҳарбӣ бархост. 16 дек. 1971 дастаҳои ватандӯсти банголӣ ва қӯшунҳои Ҳиндустон ба пойтахти Б.— Дакка дохил шуданд. 12 янв. 1972 конституцияи муваққатии Б. эълон шуд ва мувофиқи он пешвои «Авоми лиг» Шайх Муҷибурраҳмон сардори ҳукумати Б. гардид.

Ҳукумати Б.-и мустақил ба барқарор намудани хоҷагии халқи аз ҷанг харобшуда ва ба дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ шурӯъ кард. Б. аз Ҳиндустон, инчунин аз СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ ёрии зиёде гирифт. 4 нояб. 1972 Маҷлиси Муассисони Б. конституцияи доимии Б.-ро қабул кард. 7 марти 1973 интихоботи Ассамблеяи миллӣ барпо гардид, дар ин интихобот «Авоми лиг» ғалаба кард; 16 марти 1973 ҳукумати нав ташкил ёфт. Тирамоҳи с. 1973 бо мақсади муборизаи барои пешрафти мамлакат «Фронти ягонагии халқ» ташкил ёфт, ки ба он «Авоми лиг», Партияи миллии халқ ва *Партияи Коммунистии Бангладеш* дохил шуданд. 15 авг. 1975 дар мамлакат табаддулоти давлатӣ ба вуҷуд омад. К. М. Аҳмад президент шуд. Нояб. 1975 Муҷибурраҳмон ва ходимони намоёни ҳаракати миллӣ-озодихоҳии мамлакатро ба қатл расониданд. Фаъолияти сиёсӣ дар мамлакат манъ карда шуд.

Қисмҳои ҳарбӣ бо роҳбарии раиси штаби армия генерал-майор Зиёурраҳмон 7 нояб. 1975 дар Дакка бори дигар табаддулоти давлатӣ карданд. Раиси Суди олӣ А. М. Сайём президент шуд. Дар сохти давлат баъзе дигаргуниҳо даровардa, парламент пароканда карда шуд. 22 апр. 1977 Зиёурраҳмон президенти Б. шуд.

Партияҳои сиёсӣ. «Авоми лиг» (Лигаи халқии Б.), с. 1949 таъсис ёфтааст. Манфиати буржуазияи миллиро ҳимоя мекунад. Принципҳои асосии эълонкардаи «Авоми лиг»: миллатпарастӣ, социализм, демократизм ва секуляризм. Партия дар байни аҳолии Б. обрӯ ва нуфузи калон дошта, онро аҳолӣ ҳамаҷарафа дастгирӣ мекунад. Партияи Коммунистии Б., с. 1948 таъсис ёфтааст. С-ҳои 1954—71 фаъолияти он манъ шуда буд. Барои барпо кардани Б.-и мустақил фаъолона муборизa бурд. Аз дек. 1971 легалӣ. Партияи миллии халқ, с. 1957 таъсис ёфтааст. Тарафдори гузаронидани дигаргунсозиҳои васеи демократӣ дар Покистон ва аз блокҳои ҳарбӣ баромадани мамлакат буд. Дар мамлакат, инчунин, шумораи зиёди партияҳо

ва гурӯҳҳои хурди легалию ғайрилегалӣ амал мекунанд.

Хоҷагӣ. Давлати ҷавони Б. иқтисодиётеро, ки дар натиҷаи ҳукмронии дурударози мустамликадорон суст тараққӣ карда буд, мерос гирифт. Саноат даврои ибтидоии тараққиётро аз сар мегузаронад. Дар натиҷаи миллӣ кунонидани (асосан дар с. 1972) саноати калон, нақлиёт, банкҳо, ширкатҳои суғурта ва савдои берунӣ сектори давлатӣ дар иқтисодиёт зуд инкишоф меёбад. Дар охири с. 1971 Банки Давлатӣ ташкил шуд.

Хоҷагии қишлоқ ба хоҷагии майдадеҳқонии қафомонда ва камзамин асос ёфтааст. Зироати асосии х. қ. шолӣ буда, 9,5 млн га-ро ишғол менамояд. Гандум ва ҷав низ мекоранд, истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгӣ аҳамияти калон дорад. Зироати асосии техникӣ ҷут буда, аз рӯи ҷамъоварии ҳосили он (1,2 млн т) Б. дар дунёё ҷои якумро ишғол менамояд. Найшакар, растаниҳои равғандеҳ, тамоку, инчунин банан, манго, доруворӣ ва сабзавоти гуногун парвариш мекунанд. Дар Ш. ва Ҷ.-и Ш. чойзорҳо мавҷуданд, ки бештар аз $^{2}/_{5}$ майдони он ба капитали Англия тааллуқ дорад. С. 1972 (тахминӣ) 26 млн сар чорвои калони шохдор, 11,9 млн сар чорвои майда (асосан буз) ва 33,5 млн парранда дошт. Соле (дар баҳр ва хусусан дар обҳои ширин) қариб 1 млн т моҳӣ сайд мешавад.

Саноат асосан аз соҳаҳои истеҳсолкунандаи ашьёи хоми х. қ. иборат аст. Гази табиӣ, оҳаксанг ва каолин ҳосил мекунанд. Дар байни корхонаҳои коркарди саноатӣ корхонаҳои истеҳсоли маснуоти ҷутӣ мавқеи намоён доранд (453 ҳаз. т. дар 1972—73). Саноати газвори пахтагӣ, коғаз, қанд, гӯгирд, химия, коркарди нефть, фармацевтӣ, собунпазӣ, резини техникӣ ва цемент низ ҳаст. Дар Читтагонг з-ди металлургӣ сохта шудааст. Саноати коркарди металл ва мошинсозӣ аз корхонаҳои ҷудогона иборат буда, талаботи дохилии мамлакатро қонеъ гардонда наметавонад. Марказҳои асосии саноатӣ: Дакка, Читтагонг ва Кхулна.

Нақлиёт. $^{3}/_{4}$ ҳиссаи бору пассажиркашонии дохилӣ ба нақлиёти обӣ рост меояд. Тӯли роҳҳои обии доимӣ 5,4 ҳаз. км ва р. о. 2874 км (1976). Флоти тиҷоратӣ ташкил мешавад. Бандарҳои баҳрӣ: Читтагонг ва Чална. Ширкати авиационии давлатӣ — «БИМАН» вуҷуд дорад.

Қисми зиёди хариду фурӯшро муассисаҳои давлатӣ ба ҷо меоваранд. Қариб $^{9}/_{10}$ даромади экспорт аз ҷут ва маснуоти ҷутӣ ба даст меояд. Ба хориҷа чой, чарм, моҳӣ ва коғаз низ мебароранд. Аз хориҷа ғалла ва диг. озуқаворӣ, мошин, таҷҳизот, металлҳои сиёҳ ва молҳои химиявӣ оварда мешавад. Б. асосан бо Ҳиндустон, ШМА, Британияи Кабир, Япония ва РФГ савдо мекунад. Бо СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ низ савдо равнақ мегирад. Воҳиди пул — така. 25,45 така баробари як фунт стерлинг (1976).

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1973 ба 1 ҳаз. аҳолӣ таваллуд — 47, фавт — 17 ва фавти кӯдакон ба 1 ҳаз. кӯдаки навзод 140 наф.-ро ташкил дод. Беморихои сиронтӣ ва ангалӣ бештаранд. Яке аз проблемаҳои нигаҳдории тандурустӣ — беморӣ аз нокифоя будани хӯрок аст, ки қариб нисфи аҳолӣ гирифтори ин касалист. С. 1973 дар беморхонаҳо 12,3 ҳаз. кат (10,5 ҳаз. кат дар муассисаҳои тиббии давлатӣ) мавҷуд буд. Қариб 7 ҳаз. духтур (зиёда аз 5 ҳаз. дар шаҳрҳо), қариб 1 ҳаз. фармацевт ва зиёда аз 2 ҳаз. коркуни миёнаи тиб кор мекард. 9 коллеҷи тиббӣ духтур тайёр мекунад.

Матбуот, радио ва телевизион. С. 1973 дар Б. 28 газетаи ҳаррӯза, аз ҷумла 22 газета ба забони банголӣ ва 6 газета ба забони англисӣ ва 45 газетаи ҳарҳафтаина мебаромад. Газетаҳои калонтарин: «Пипл» (The People) аз 1969 ба забони англисӣ чоп мешавад; «Морнинг Ньюс» («Morning News») аз с. 1942 дар Калкатта, аз с. 1949 дар Дакка ба забони англисӣ чоп мешавад; «Бангладеш обсервер» («Bangladesh obserwer») газетаи ҳукматӣ, аз с. 1949 (то дек. 1971 «Покистон обсервер» ном дошт) ба забони англисӣ нашр мешавад; «Еката» («Ekata») газетаи ҳарҳафтаина, органи Партияи Коммунистии Б., аз с. 1970 ба забони банголӣ чоп мешавад. 3 агентии ахборот мавҷуд аст. 7 радиостанция кор мекунад (давлатианд). Радиошунавонӣ асосан ба забони банголӣ бурда мешавад. Дар Дакка аз дек. 1964 маркази телевизион кор мекунад.

БАНГОЛА́ (ба забони ҳинду— бангал, банголӣ — Бангла), вилояти қадимаи Ҳиндустон дар поёноби д-ҳои Ганг ва Браҳмапутра. Дар а-ҳои 8—13 дар ҳудуди Б. сулолаи Пала, баъд Сана ҳукмрон буд. Мафҳуми Б. а-ҳои 10—12 пайдо шуд; а. 13 ба салтанати Деҳлӣ ҳамроҳ карда шуд. Дар миёнаи а. 14 мустақил гардид. С. 1575 Б.-ро *Темуриёни Ҳинд* забт кардand. Аввали а. 18 дар ин ҳудуд давлати мустақил ба вуҷуд омад. 23 июни 1757 Б.-ро Англия ба ҳуд тобеъ кард. С. 1947 дар натиҷаи тақсимот ду давлат — Ҳиндустон ва Покистон ташкил ёфт. Банголаи Ғарбӣ (марказаш Калкатта) бо аҳолии ҳиндуяш ба Ҳиндустон, Банголаи Шарқӣ (марказаш Дакка) бо аҳолии мусулмонаш ба Покистон гузашт. С. 1971 дар ҳудуди Б. давлати мустақили *Бангладеш* барпо шуд.

БАНГО́ЛА, халиҷи уқ. Ҳинд, байни нимҷаз. Ҳиндустон дар Ғ. ва нимҷаз. Ҳинду Хитой, инчунин нимҷаз-ҳои Андаману Никобар дар Ш. Масоҳ. 2172 ҳаз. км². Ҷои чуқуртаринаш 5258 м, ҳаҷми миёнаи об 5616 ҳаз. км³. Ҳарор. миёнаи об моҳи февр. 25—27° С. Шӯриаш аз 30‰ то 34‰. Мадди нимшабонарӯзии об то 10,7 м. Шикори моҳӣ тараққӣ кардааст. Бандарҳои асосиаш: Калкатта, Мадрас (Ҳиндустон), Читтагонг (Бангладеш).

БАНГОЛИҲО́, миллат, аҳолии асосии Республикаи Халқии Бангладеш, инчунин дар Ҳиндустон ва Покистон зиндагӣ мекунанд. Шумораи умумиашон тақрибан 100 млн, аз ин 73,5 млн (с. 1975) дар Бангладеш иқомат мекунанд. Ба *забони банголӣ* гап мезананд. Аз ҷиҳати антропологӣ асосан ба шохаи ҷап. нажоди сафедпӯстон мансуб; дар шим.-шарқ таъсири зардпӯстон, дар ҷан.-ғарб таъсири дравидҳо ҳис карда мешавад. Диндорон аксаран мусулмонанд, инчунин эътиқодманди дигар мазҳабҳо ҳам ҳастанд. Б. роҳи душвори инкишофи таърихиро тай намуда, чун миллат нимаи дуюми а. 19 ташаккул ёфтанд. Б. дорои маданияти бой буда, ҳунармандӣ, адабиёт, мусиқӣ ва театр инкишоф ёфтааст. Машғулияти асосии онҳо зироат (хусусан шоликорӣ ва ҷутпарварӣ). Ниг. низ *Бангладеш*.

БАНГОЛӮРУ, Бангалур, шаҳр дар ҷан. Ҳиндустон, маркази маъмурии шт. Майсур. Аҳол. бо атрофи шаҳр 1,6 млн наф. (1971). Узели тиҷорату нақлиёт, маркази муҳими саноат, илм ва маданияти мамлакат. Дар солҳои истиқлолият дар Б. (баъди с. 1947) корхонаҳои калони давлатӣ: з-дҳои авиационӣ, дастгоҳсозӣ ва дар Ҳиндустон ягона з-ди аппаратураҳои телефону таҷҳизоти электронӣ сохта шуданд. Саноати электротехникӣ, бофандагӣ, хӯрокворӣ; корхонаҳои чарму пойафзол ва фармацевтӣ; инчунин ун-т, ин-т ва ин-тҳои тадқиқоти илмӣ ва боғи ботаникӣ дорад. Шаҳр а. 16 буньёд ёфтааст.

БАНД, 1) чизе, ки бо вай чизеро мебанданд (мас., ришта, ресмон, арғамчин ва ғ.); басташуда ба чизе (касеро дар мубоҳиса ва дар бадеҳагӯй банд кардан ё ба коре андармон шудан); дастае аз алаф, гандум, шох ва ғ., ки баста бошанд (мас., як банд алаф ва ғ.); ҷои бо хок ва чим бастаи оби равон; занҷиру ишкел; нихох; 2) мафсил, дар анатомия, пайванди мутаҳаррики байни устухонҳо (ё тағояк). Ба Б. интиҳои устухонҳои бо тағояки бандӣ пӯшидашуда, ки таконро ҳангоми ҳаракат суст мекунанд, мансубанд (мас., Б.-ҳои бозу, косу рон, зону ва ғ.). Интиҳои устухонҳои Б. дар халтаи Б. ҷойгир шудааст. Халтаи Б. аз бофтаи пайвасткунанда ҳосил мешавад ва дарунашро пардаи синовиалӣ (қабати дарунии бофтаи пайвасткунандаи бандҳо) менӯшад. Ин парда аз ҳуд моеъ ҷудо карда, лағжиши бемонеаи Б.-ро таъмин менамояд. Б. ба таъсири омилҳои беруна (сармо, сироят, латхӯрӣ, вайронша-






Ба мак. Балет. 1. „Концерти фа мажор"-и Д. Гершвин. Балетмейстер Т. [illegible]ллинг. Театри „Комише-опер"-и Берлин. 1974. 2. «Салоса» („Троица")-и Арлино. Балетмейстерҳо Ҷоффри, Д. Арлино. Ластаи „Ҷоффри Балет"-и ШМА. 1970. 3—5. Саҳнаҳо аз спектакльҳои Театри Калони СССР, Москва. 3. Г. Уланова дар партияи Мария, „Фавворai Бағчасарой"-и Б. В. Асафьев. 1934. 4. «Равшандилӣ». Мусикии А. Пахмутова, либреттои Н. Добронравов. Балетмейстерҳо Н. Рыженко, В. Смирнов—Голованов. 1971. 5. «Иван Грозный»-и С. С. Прокофьев. Балетмейстер Ю. Н. Григорович. 1975. 6. «Икар»-и С. Сломинский. Театри опера ва балети ба номи С. М. Киров. Балетмейстер И. Д. Бельский. Ленинград. 1945. 7. „Хазон". Мусикии Ж. Косма. Театри миниатюраҳои хореографии „Ритм-балет". Балетмейстер Ю. Н. Взоров. 1974. 8—11. Саҳнаҳо аз спектакльҳои Театри давлатии академии ордени Ленинҷоии опера ва балети тоҷик ба номи С. Айнӣ. Душанбе. 8. „Лайлӣ ва Маҷнун"-и С. Баласанян. Балетмейстер Г. Валаматзода. 1957. 9. «Дилбар»-и А. С. Ленский. Балетмейстер Г. Валаматзода. 1957. 10. Па-де-де аз балети „Ноҳаниии хуфта"-и П. И. Чайковский. 1970. 11. «Шабҳои Миср»-и А. С. Аренский. Балетмейстер Л. А. Серебровская. 1969.



Ба мақ. Бактерия. 1. Хаста дар ҳучайраи миксобактерияи Polyangium; ҳучайраҳо бо роҳи кашиш афзоиш мекунанд. 2. Донаҳои кутбӣ; ранги бештари бактерияҳое, ки ҳог ҳосил намекунанд, хеле равшан мешаванд. 3. Ҳучайраҳои калони каҷ (спирллаҳо) бо донаҳои метахроматин. 4. Ҳучайраҳои бактерияҳои сирко бо донаҳои метахроматин. 5. Ҳучайраҳои бактерияҳои ҳоговар бо ҳатраҳои калони равғанӣ. 6. Ҳамгоми ҳосил кардани ҳог ба ҳучайраҳои бактерияҳои анаэробӣ дохил шудани моддаи захиравӣ—гранулёзҳо. 7. Навъҳои калони бактерияҳо, ки дар шароити мусоид ба вуҷуд меоянд. 8. Бактерияҳои кислотатобовари махав. 9. Метахроматин дар ҳучайраи бактерияи ханноқ (дифтерия).

вии мубодилаи модда) хеле ҳассос аст. Баъзе бемориҳо (тарбод, мараз ва ғ.) ҳатто боиси тағьир ёфтани шакли Б. мегарданд.

БАНД, ду ва ё зиёда аз оп сатрҳои шеърие, ки ба ҷиҳати қофияю ваз ё оҳанги умумии талаффуз як шуда, дар шеър ба такрор меоянд. Хурдтарин Б.-и думисраӣ—байт аст. Дар адабиёти тоҷик бештар бандҳои *мураббаъ*, *мухаммас* ва диг. навъҳои *мусаммат*, *тарҷеъбанд* ва *таркиббанд* маъмул буд. Дар адабиёти советии тоҷик дар зери таъсири адабиёти рус ва адабиёти диг. халқҳои ҷаҳон шаклу ҳаҷми Б. тағьирпазир шуд. Баъзан, мас., мисраъҳои мураббаъро шикаста, ҳатто як калимаро як сатри шеър месозанд, ки аз ин ҳисоб ҳаҷми Б. калон мешавад. Дар ин ғуна Б.-ҳо роли асосиро дар бандсозӣ на қофия, балки мазмуну ваз ва оҳанги талаффуз мебозад. *С. Давронов.*

БАНДАК, қисми калима, ки ба решаву асос ҳамроҳ шуда, маъноии онҳоро тағьир медиҳад. Дар забони адабии тоҷик чор хел Б. ҳаст: 1) изофӣ (аспи даванд), 2) феълӣ (омадӣ), 3) хабарӣ (рафтааст), 4) бандакҷонишин (талабаам). Б.-и изофӣ барои алоқамандии ду калима хизмат мекунад (боғи калон). Дар чунин тарзи ибораҳо Б.-и изофиро, дар аксари мавридҳо, муайяншаванда мегирад (қасри маданият). Б.-и феълӣ танҳо бо калимаҳои феълӣ меояд ва ба сиғаҳои феълӣ вобаста аст. Б.-и хабарӣ бо ҳама калимаҳое, ки вазифаи хабарро иҷро мекунанд ва шакли сифати феълӣ, ки ба маъноии нақлӣ истеъмол мешавад, ҳамроҳ меояд (тракторчиам, хондаанд). Б.-и феълӣ аз Б.-и хабарӣ дар ифодаи маъно фарқ дорад. Б.-и хабарӣ дар ифодаи тобишҳои замонӣ амалу ҳолатҳои аз назар ғоиб (рафтааст, гуфтааст) ва ҳангоми хулосабарории мантиқӣ истифода мешавад. Бандакҷонишин бо исм ва калимаҳои исмшуда ҳамроҳ меояд ва соҳибиятро мефаҳмонад (китобам, дафтарат). *Х. Ҳусейнов.*

БАНДИ КӮҲ, ҷои ба ҳам пайвастани ду ё якчанд қ-кӯҳҳо ва ё силсилакӯҳҳо, (мас., Б. к. Гармо дар қ-кӯҳҳои Академияи Фанҳои Помири Ғарбӣ, баландиаш 6595 м). Б. к. одатан баланд ва душворгузар аст.

БАНДИ ТУРКИСТОН, қаторкӯҳ дар шим. Афғонистон; аз Сафедкӯҳ бо пастхамии дарозрӯя, ки аз он д. Мурғоб ҷорист, ҷудо мешавад. Тӯлаш қариб 300 км. Баландиаш то 3497 м (к. Ҳавзи Кабуд). Б. Т. ба самти Шим. Ғ. то теппаҳои доманаи к. Қарабели сарҳади СССР омада мерасад. Дар доманаи кӯҳҳо набототи биёбонӣ, дар минтақаи баландкӯҳ буттаҳои арча тунук меруянд.

БАНДИ ХИМИЯВӢ, натиҷаи таъсири байниҳамдигарии ду ё якчанд атомҳо, ки боиси ҳосилшавии системаҳои бисьёратома (молекулаҳо, комплексҳо, кристаллҳо ва ғ.) мегардад. Қувваҳое, ки барои ҳосил шудани Б. х. заруранд, квантӣ мебошанд. Моҳияти чупин қуввахои химиявӣ бо табиати электронҳою ядрои атомҳои дар ҳосил шудани Б. х. иштирокдошта муайян карда мешавад. Ҳангоми ҳосил шудани Б. х. дар қабатҳои электронии (дар навбати аввал беруна) атомҳои ба ҳам пайвастшаванда тағьироти амиқ ба амал меояд. Ин тағьирот дар хосиятҳои гуногуни химиявӣ ва физикии система зоҳир мегардад. Мустаҳкамии бандро бо энергияи банд муайян мекунанд; бузургии кори барои кандани банд сарфшударо энергияи банд меноманд. Б. х. аз рӯи сохти электронӣ ва хосиятҳояш ионӣ, коваленти, донору акцепторӣ, металлӣ, гидрогенӣ ва ғ. мешавад.

Б. х.-и ионӣ ё электровалентӣ, гетероқутбӣ, натиҷаи кашишхӯрии электростатикии ионҳои зарядашон ба ҳам муқобил, ки дар натиҷаи аз як атом ба атоми диг. гузаштани электронҳои қабати электронии беруна (валентӣ) ҳосил шудаанд. Электронҳои як атом ба атоми диг. амалан пурра намегузаранд, аз ин рӯ, барои ба он баҳо додан мафҳуми заряди эффективии ионро кор мефармоянд.

Б. х.-и ионии нисбатан «холис» дар байни атомҳои элементҳои аз рӯи хосиятҳояшон ба куллӣ фарқкунанда, мас., дар байни нометаллҳои муқаррарӣ (F, Cl, Br, I) ва металлҳои муқаррарӣ (Na, K, Rb, Cs) ҳосил мешавад. Асосгузори назарияи Б. х.-и ионӣ физики немис В. Коссель мебошад (1916). Бо ин назария ҳосил шудани ҳаргуна пайвастҳои химиявиро тавсиф кардан душвор аст.

Б. х.-и коваленти ё гомеоқутбӣ, натиҷаи умумӣ гардидани (ҷуфтшавии) электронҳои ду атоми ба ҳам пайвастшаванда. Дар фазо самт дорад. Дар молекулаҳо (дар ҳолатҳои гуногуни агрегатӣ) ва дар байни атомҳои ҳосилкунандаи панҷараи кристаллӣ вуҷуд дорад; атомҳои табиатан якхела (H_2, Cl_2, Br_2) ва гуногун (H_2O, SiC ва ғ.)-ро ба ҳам пайваст карда метавонад. Б. х.-и коваленти бо хеле устувор будаиаш дар молекулаҳои пайвастҳои органикӣ навъи асосии банди химиявӣ ба шумор меравад. Назарияи Б. х.-и коваленти-ро олими америкоӣ Г. Льюис с. 1916 кашф кардааст. Аз рӯи ин назария баён кардани ҳосилшавии Б. х.-и коваленти дар байни атомҳои элементҳои хосияти химиявиашон ба ҳам наздик осон гардид. Лекин назарияи Льюис моҳияти механизми ҷуфтшавии электронҳоро баён карда натавонист.

Б. х.-и донору акцепторӣ, ё координационӣ, яке аз навъҳои банди коваленти буда, аз ҳисоби ҷуфти (ҷуфтҳои) электронии тайёри яке аз атомҳои ба ҳам пайвастшаванда (донор) ҳосил мешавад. Мас., дар молекулаи аммиак NH_3 атоми нитроген дорои ҷуфти электронии озод мебошад, ки ба он ягон иони (мас., H+) қабати электрониаш номукаммал пайваст шуда метавонад:

$$H-\underset{H}{\overset{H}{N}}:H^+ \rightarrow [H-\underset{H}{\overset{H}{N}}-H]^+ + 837{,}3\ \text{кДж}$$

Мафҳуми «банди координационӣ» ва аз ҷумла «валентнокии асосӣ ва иловагӣ»-ро химики швейцарӣ А. Вернер ба химия дохил кардааст (1893). Ин мафҳумҳо асоси назарияи координационии пайвастҳои комплексиро, ки Вернер таклиф карда буд, ташкил намудаанд.

Б. х.-и металлӣ дар натиҷаи якҷояшавии электронҳои валентии ҳамаи атомҳои ҷисм ба амал меояд. Ин электронҳо дар байни ионҳо, ки панҷараи кристаллӣ ҳосил кардаанд, озод ҳаракат мекунанд. Б. х.-и металлӣ барои ҳамаи металлҳо, бештари хӯлаҳо ва баъзе пайвастҳо (карбидҳо — TiC ва ғ., нитридҳо — TiN ва ғ.) хос аст.

Б. х.-и гидрогенӣ намуди махсуси Б. х. буда, дар байни атоми мусбатзаряди гидрогени (H+) дар молекула бо банди коваленти пайваст шудагӣ ва атоми манфизаряди оксиген, нитроген ё фтор (баъзан атомҳои элементҳои дигар) ба вуҷуд меояд. Б. х.-и гидрогенӣ байнимолекулавӣ ва дохилимолекулавӣ (дар байни компонентҳои як молекула) мешавад. Б. х.-и гидрогении байнимолекулавӣ боиси баланд шудани ҳарорати гудозиш ва ҷӯшиши пайвастҳо гардад ҳам, хосияти химиявии онҳоро қариб тағьир намедиҳад. Б. х.-и гидрогенӣ дар аксари пайвастҳо (об, кислотаҳо, ишқорҳо, спиртҳо ва ғ.) дучор мешавад.

Қад-қади банд ба таври ассиметрӣ ҷобаҷошавии абри электронӣ боиси каратӣ будан ва диг. хосиятҳои Б. х. мегардад.

Аз рӯи симметрияи ҷобаҷошавии абри электронӣ нисбат ба қабати банд σ-, π-, δ- ва диг. бандҳо маълуманд.

σ- Банд аз ҳисоби қад-қади хати банд симметрӣ рӯпӯш шудани орби-



π - бандҳо

таҳои атомӣ ба амал меояд. л-Банд дар натиҷаи нисбат ба ҳамворӣ, ки хати бандро бурида мегузарад, ба таври симметрӣ ҷобаҷошавии абри электронии



банд ба амал меояд. Баъзан δ-банд дорои ду ҳамвории симметрӣ аст, ки хати бандро бурида мегузарад.

Агар дар пайваст як σ- ва як л-банд мавҷуд бошад, банди дучанд, як δ- ва ду л- банд бошад, банди сеҷанд мегӯянд. *А. С. Сулаймонов.*

БАНДИШО́ЕВА Савсан (тав. 1921, деҳаи Вомари Рӯшон), артисткаи советии тоҷик, Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1946). Аъзои КПСС аз с. 1953. Аз оилаи деҳқон. Фаъолияти эҷодии Б. с. 1938 дар ҳайати дастаи ҳаваскорони санъати р-ни Рӯшон сар шудааст. Б. с. 1940 ба ш. Душанбе омада, бо ҳайати иштирокчиёни Даҳаи санъати тоҷик дар Москва тайёрӣ дид. С. 1941 дар Москва бомуваффақият баромад кард. С-ҳои 1941—65 дар Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Рӯдакии ш. Хоруғ кор кард. Б. ҳам сароянда ва ҳам актёр мебошад. Розия аз пьесаи ҳамвоми Е. Акубҷонов ва Зелеранский аввалин нақши офаридаи ӯст. Минбаъд рольҳои Гулқурбон ва Гулбаҳорро дар пьесаҳои «Тошбек ва Гулқурбон» (1947), «Қишлоқи Тиллой»-и М. Миршакар (1946) бозида, чун артисткаи драмавӣ шиноҳта шуд. С. 1946 дар Душанбе Даҳаи санъати ВАБК барпо гардид. Дар ин Даҳа Б. нақши Кручининаро («Гунаҳгорони бегунаҳ»-и А. Островский) иҷро намуда, баҳои баланд гирифт. Вай дар саҳнаи театр зиёда аз 30 рольро бозидааст. Аз

С. Бандишоева дар роли Гулқурбон («Тошбек ва Гулқурбон»-и М. Миршакар, 1947).

с. 1965 нафақахӯр аст. Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 2). Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст. *М. Назаров.*

БАНДПОЙҲО́, типи ҷонварҳои бемӯҳра. Дар олам тақрибан 2 млн намудашон паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. тақрибан 10 ҳаз. намуди Б. маълум аст. Харчангу тортанакшаклҳо, ҳашарот ва бисёрпойҳо синфҳои асосии Б. мебошанд. Бадани Б. аз се қисм иборат аст: сар, сина, шикам. Дар аксари Б. (тортанакшаклҳо, харчангҳои даҳпо) қисми сина, бо сар якҷоя шуда, сарсинаро ҳосил мекунад. Бадани канаҳо яклухт буда, ба воситаи пойҳои банд-банд ҳаракат мекунанд (номи Б. ҳам аз ҳамин ҷост). Б. бо узвҳои махсус нафас мегиранд, ки рӯи онҳо кутикулаи пафис дорад. Дар Б.-и обӣ ғалсама вазифаи узви нафасгириро иҷро мекунад. Б. бо тарзи ҷинсӣ, одатан бо бордоршавӣ, баъзан партеногенезӣ (ниг. *Партеногенез*) афзоиш мекунанд. Ҳисси як қадар универсалии ба Б. хос ломиса аст. Б. дар ҳаво, замин ва об зиндагӣ мекунанд. Дар байни Б. баъзеашон алафхӯр, дарранда ва баъзеи диг. паразитанд.

Тасвирро ниг. дар замимаи мақолаҳои *Гамбускҳо, Шапалакҳо, Ҳашарот, Тортанакшаклҳо, Харчангшаклҳо.*

БАНДУ́НГ (Bandung), шаҳр дар Индонезия, дар ҷаз. Ява. Маркази калони иқтисодӣ ва мадании мамлакат. Дар канори шим. пуштакӯҳи Бандунг, дар баландии беш аз 600 м воқеъ. Аҳол. 1,2 млн наф. (1971). Узели р. о. Маркази саноати бофандагии мамлакат. Дар Б. ф-каи калони истеҳсоли хинин, з-ди консерв, устохонаҳои р. о., з-ди маснуоти резини техникӣ, инчунин з-дҳои васли автомобиль ва маснуоти радиотехникӣ ҳастанд. Ун-т ва ин-ти технологӣ дорад. Апр. 1955 дар Б. конференцияи мамлакатҳои Осиё ва Африка шуда гузашт. Шаҳр с. 1810 буньёд ёфтааст.

БА́НК (лот. banca — пештахтаи сарроф), муассисаи иқтисодии махсусеест, ки бо кредитдиҳӣ, бе пули нақд гузаронидани ҳисобукитоб, ба муомилот баровардани маблағҳои кредит ва ғ. машғул аст. Б.-ҳои аввалин дар ҷамъияти ғуломдорӣ ба вуҷуд омада, асосан бо масъалаҳои муомилоти пули савдо машғул буданд. Дар Б.-ҳои ин давра пулҳои зиёд ҷамъ мешуд ва ин пулҳоро Б. ба диг. қарз дода фоида мегирифт. Бо пайдоиш ва инкишофи минбаъдаи капитализм аҳамияти Б. хеле афзуд. Концентрацияи истеҳсолот сабаби васеъ шудани Б.-ҳо, ба вуҷуд омадани монополияҳои банкӣ, тезу тунд шудани раҷобати байни онҳо шуд.

Б.-ҳои капиталистии замони ҳозира хеле калон буда, дар диг. мамлакатҳо (хусусан дар мамлакатҳои номустақил ва сусттараққӣ) низ шӯъбаҳои зиёд доранд. Б.-ҳо ба хорича капитал бароварда, бо ин роҳ халқҳои мамлакатҳои номустақил ва сусттараққиро зери асорати иқтисодӣ мегиранд ва онҳоро талаву тороҷ мекунанд. Дар натиҷаи якҷояшавии Б.-ҳои калон ва капитали саноатӣ капитали молиявӣ ва олигархияи молиявӣ ба вуҷуд меояд. Б. тадбирҳои ҳарбии давлатҳои империалистиро аз маблағ таъмин намуда, дар тайёр намудани ҷангҳои нави ҷаҳонгирӣ мерасонад. Б.-ҳои коммерционӣ мавқеи махсус доранд. Дар мамлакатҳои капиталистӣ Б.-ҳои эмиссионӣ низ ҳастанд. Б.-ҳои эмиссионӣ ҳуқуқи банкнотбарорӣ доранд. Операцияҳои Б. ду хеланд: актив ва пассив. Операцияҳои кредитдиҳӣ операцияи актив ва ҳосил кардани фонди кредит операцияи пассив аст. Хусусият ва роли Б.-и ҳар як мамлакат ба тарзи истеҳсолоти он вобаста аст. Б.-и давлатҳои капиталистӣ («Бэнк оф Америка нэшнл траст энд сэйвингс ассошиэйшн», «Чейз Манхэттн бэнк», «Ферст нэшнл сити бэнк»-и ШМА, «Мидленд бэнк», «Барклайс бэнк», «Нэшнл провиншл бэнк», «Вестминстер бэнк», «Ллойдс бэнк»-и Англия ва ғ.) дар сиёсат ва иқтисодиёти мамлакат ҳукмронанд. Дар Россияи пешазреволюционӣ даҳҳо Б.-ҳои коммерционии давлатӣ, «Русу Осиё», «Азову Дон» ва ғ. мавҷуд буданд.

Баъди ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь Б.-ҳои давлатӣ миллӣ кунонида шуданд ва системаи социалистии кредит ба вуҷуд омад. Дар асоси декрети 27. 12. 1917 ба ҷои Б.-ҳои давлатӣ ва коммерционии милликунонидашуда Б.-и халқии РСФСР ташкил шуд. Баробари аз коммунизми ҳарбӣ ба сиёсати нави иқтисодӣ гузаштан муносибатҳои пулию молӣ тараққӣ карда, сохти системаи кредит оғоз ёфт ва окт. 1921 Б.-и давлатии РСФСР кушода шуд. Дертар барои ёрӣ ба соҳаҳои алоҳидаи хоҷагӣ муассисаҳои кредитии ёрирасон ташкил карда шуданд. Махсусан дар солҳои индустронӣ хоҷагиҳо ба кредити дарозмӯҳлат эҳтиёҷ пайдо карданд ва Б.-ҳои махсуси саноатӣ, х. қ., тиҷоратӣ, марказӣ, хоҷагӣ коммуналӣ, сохтмон ва ғ. ба вуҷуд омаданд. Ба х. қ. додани кредити дарозмӯҳлат ва маблағ ба зиммаи *Банки давлатии СССР* гузошта шуд. Дар қатори Б.-и давлатии СССР Б.-и савдои берунии СССР низ ба хорича кредит медиҳад ва бо Б.-ҳои мамлакатҳои хоричӣ ҳисобукитоб мекунад. С. 1963 Б.-и байналхалқии ҳамкории иқтисодӣ ташкил ёфт. С. 1970 аз тарафи мамлакатҳои социалистӣ *Банки инвестиционии байналхалқӣ* ташкил карда шуд. Системаи Б.-ҳои мамлакатҳои демократияи халқӣ низ мисли системаи ҳозиразамони кредити советӣ ташкил шудааст.

Ад.: Аникин А. В., Кредитная система современного капитализма, М.,

1964; Кредитно-денежная система СССР, М., 1967; Атлас М. С., Развитие банковских систем стран социализма, М., 1967; Финансы и кредит СССР, М., 1968.

БАНКИ ДАВЛАТИИ СССР, банки ягонаи эмиссионӣ, кредитдиҳӣ ва маркази ҳисобукитоби СССР. То с. 1923 Банки давлатии РСФСР буд, 6 июли с. 1923 ба Б. д. СССР табдил дода шуд. Б. д. СССР пул мебарорад, муомилоти пулиро ташкил ва танзим мекунад, ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ қарзҳои кӯтоҳмӯҳлат медиҳад, х. қ., корхона ва ташкилотҳои хоҷагии халқ, кооперацияи матлубот ва ғ.-ро барои маблағгузории асосӣ бо маблағҳои зарурӣ ва қарзҳои дарозмӯҳлат таъмин мекунад, кори амонатгузориро ташкил ва ҳисобукитобро дар хоҷагии халқ ба амал мебарорад. Б. д. СССР дар ҳисобукитоб ва додугирифти валютии байналхалқӣ роли муҳим бозида, бо бисьёр банкҳои хоричӣ алоқа дорад. Раиси правлениями Б. д. СССР аз тарафи Совети Олии СССР таъин мешавад. Б. д. СССР дар республикаҳои иттифоқӣ ва автономӣ, кишварҳо ва вилоятҳо аппарати марказӣ, идора, шӯъба ва ташкилотҳои худро дорад.

БАНКИ ИНВЕСТИЦИОНИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ (БИБ), ташкилоти кредитдиҳии байниҳукуматии мамлакатҳои социалистӣ, ки мувофиқи қарорҳои сессияҳои XXIII (1969) ва XXIV (1970) Совети муованати иқтисодӣ таъсис шуда буд. Ба ин банк Булғория, Венгрия, РДГ, Мӯғулистон, Польша, СССР, Румыния, Чехословакия ва Куба аъзо мебошанд. Капитали БИБ 1068,3 млн сӯми шартӣ буда (1977), 70%-и он сӯми шартӣ ва 30%-и он валюта ва тиллои озод конвертшаванда аст. Саҳми ҳар як аъзои БИБ вобаста ба ҳаҷми экспорти тарафайн муқаррар карда мешавад. БИБ инчунин капитали эҳтиётӣ ва фондҳои махсус дорад. Органи олии БИБ Совети банк мебошад, ки ба ҳайати он намояндагони ҳамаи мамлакатҳои аъзои банк дохил мешаванд. Дар Совети БИБ ҳар як аъзо як овоз дорад. Фаъолияти БИБ ба баробарҳуқуқии комил ва эҳтироми соҳибихтиёрии ҳамаи аъзоёни он асос ёфтааст. БИБ ташкилоти озод аст. Ҳар як мамлакате, ки устави онро эътироф менамояд, аъзо шуда метавонад. БИБ ба мамлакатҳои аъзо барои сохтмони объектҳои гуногун, ба мӯҳлати аз 5 то 15 сол кредит медиҳад.

БИБ яке аз воситаҳои муҳими интеграцияи иқтисодии мамлакатҳои социалистӣ ва мустаҳкам гардидани иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии системаи ҷаҳонии социализм мебошад. Қароргоҳаш Москва.

БАНКИ ИНВЕСТИЦИОНИИ ЕВРОПА, банки инвестиционии мамлакатҳои иштирокчии «Бозори умумӣ» (Франция, РФГ, Италия, Бельгия, Нидерланд, Люксембург ва аз с. 1973 Англия, Дания, Норвегия). С. 1958 ташкил карда шуд. Банкро шӯроии маъмурон идора мекунад, ки ба ҳайати он вазирони молияи мамлакатҳои аъзо дохиланд. Идораи банк дар Брюссель. Б. и. Е. ба корхонаҳои хусусии мамлакатҳои аъзо ва мамлакатҳое, ки ба ҳайати Евроафрика дохиланд, заём медиҳад. Қисми асосии кредитҳо барои инфраструктура, яъне сохтмони р. о. ва автомобильгард, бандарҳо, корхонаҳои алоқа дода мешавад.

БАНКИ САВДОИ БЕРУНИИ СССР, муассисаи коммерциониии кредитдиҳӣ. Аз моҳи мае с. 1924 амал карда вазифаҳои зеринро иҷро менамояд: бо кредит таъмин кардани савдои беруниӣ, додугирифти валюта, ҳисобукитоби импорту экспорт, қабули амонат ва ғ. Б. с. б. СССР банки акционерӣ буда, Банки давлатии СССР, Вазорати молияи СССР, Вазорати савдои берунии СССР, Банки сохтмони СССР, Центросоюз, ташкилотҳои савдои беруниӣ «Экспортлес», «Союзпромэкспорт», «Техмашимпорт», «Союзпушнина» акционерони вай мебошанд. Банки давлатии СССР чун банки марказии мамлакат ба кори ин банк назорат мекунад.

БАНКИ ҲИСОБУКИТОБИ БАЙНАЛХАЛҚӢ (БҲБ; Bank for International Settlements — BIS), ин-ти байналхалқии молиявӣ. С. 1930 дар Базель (Швейцария) аз тарафи банкҳои марказии Англия, Франция, Германия, Бельгия, Италия ва се банки хусусии ШМА бо сардории Морганҳо ва банкҳои хусусии Японія ташкил карда шуд. БҲБ тилло ва валютаҳои хоричиро мехарад ва мефурӯшад. Банк ҳуқуқи барориши банкнота ва додани ссуда надорад. Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) дар БҲБ тиллои ғораткардаи фашистон нигоҳ дошта мешуд. Конференцияи Бреттон-Вудс (1944) оид ба барҳам додани БҲБ қарор қабул карда бошад ҳам, лекин бо дастгирию ҳимояи унсурҳои реакционӣ барҳам нахӯрд. Аз с-ҳои 60 БҲБ ба маркази шартномаи давлатҳои империалистӣ барои ҳимояи системаи ҷаҳонии валютаи капиталистӣ табдил гашт. С. 1951 Японія аз ҳайати БҲБ баромад. С. 1968 ба БҲБ банкҳои марказии ҳамаи мамлакатҳои капиталистӣ ва социалистӣ (ба ғайр аз СССР ва РДГ) дохил буданд. С. 1970 Японія ва Канада ба БҲБ акционер шуданд. Ба корҳои банк Совети директорон роҳбарӣ мекунад, ки ба ҳайати он сардорони банкҳои Англия, РФГ, Франция, Бельгия, Италия, Швейцария, Швеция, Нидерланд дохиланд.

БАННИКОВ Иван Степанович (23. 3. 1914, деҳаи Новоузели р-ни Матвеевски вил. Челябинск — 10. 2. 1975, Душанбе), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). С-ҳои 1932—35 тракторчии с-зи «Барои ғалла»-и р-ни Матвеевск, вил. Челябинск, 1936—41 бригадири парки трактории МТС-и р-ни Сталинобод (ҳоло Ленин), 1945—51 сардори бригадаи трактории МТС-и 2-юми р-ни Сталинобод, 1951—52 ёрдамчии механики бригадаи Станцияи мошину экскаватори Тоҷикистон, 1953—58 тракторчии МТС-и 2-юм ва 1-уми Сталинобод, 1959—68 челонгари Управлениями сохтмони механикопидаи ш. Душанбе ва шӯъбаи сохтмони асосии Вазорати корҳои дохилии РСС Тоҷ. буд. Бригадаи тракторії Б. с. 1947 ҳосили баланди пахта рӯёнд. Б. бо ордени Ленин, медаль ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БАНОКАТ بناکت Бинокат, Банокос, шаҳри қадимаи калони давлати Тоҷ. Димнаи Б. охири а. 19 дар хамгашти соҳили рости д. Сир, болотари резишгоҳи д. Оҳангарон ёфт шуд. Шаҳристони Б. қад-қади дарьё 800 м тӯл кашидааст. Дар гӯшаи ғарбии Б. истеҳкоми хурде воқеъ буд, ки аз шаҳр бо хандақ ҷудо шудааст. Работи калони Б. аз Шарқ бо девори ғафс иҳота буда, 18 бурҷ дошт. С. 1973 муқаррар карда шуд, ки шаҳр аз а-ҳои 4—5 то 17 вуҷуд дошта, девори работ охири а. 14 сохта шудааст. Мувофиқи маълумоти кишваршиносони а-ҳои 9—10 роҳи асосии Суғд—Тоҷ—Ҳиндустон — Хитой аз Б. мегузашт. Б. бо матоъҳои худ машҳур буд, масҷиди ҷомеъ ва бозорҳои калон дошт. С. 1220 мӯғулҳо баъди муҳосираи серӯза шаҳрро забт ва хароб карданд. С. 1392 Темур онро барқарор ва работи қадимро бо девор иҳота карда, ба шарафи писараш Шоҳрух Шоҳрухия номид. Б. а-ҳои 16—17 дуюмин қалъаи калони мулки Тошкент ҳисоб меёфт, ки дар он ҷо ворисони хонҳои Тошкент зиндагӣ мекарданд. Ҳоло қисми калони шаҳрро оби д. Сир шуста бурдааст. Девори мудофиаи қисми шарқии қалъаи Б. ва хандақҳои он боқӣ мондаанд.

Ад.: Бартольд В. В., Соч., т. 3, М., 1965; Буряков Ю. Ф., О втором караванном пути из Согда в Шаш. «Общественные науки в Узбекистане», Ташкент, 1972, № 3. *Ю. Ф. Буряков.*

БАНОКАТӢ بناکتی Абӯ Сулаймон Фахруддин Алӣ ибни Абулфазл Довуд ибни Муҳаммад (с. тав. номаълум — ваф. 1329 ё 1339), муаррих ва шоир. Фаъолияташ асосан дар дарбори хони мӯғул Ғазанхон гузаштааст. С. 1301 ба унвони фахрии Маликушшуаро мушарраф шуд. С. 1317 Б. асари таъриҳии «Равзат-ул-албоб фӣ-таворих вал-ансоб» ё худ «Таъриҳи Банокатӣ»-ро ба охир расонд. «Таъриҳи Банокатӣ» мазмунан варианти кӯтоҳи «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Раши-

дуддин буда, воқеаҳои асотириву таърихиро аз ҳазрати Одам то баёни баъзе воқеаҳои замони муаллиф дарбар мегирад. Асари Б. ба забонҳои уйғурӣ, англисӣ, лотинӣ, франсавӣ тарҷума ва нашр шуда, нусхаи аслиаш дар китобхонаҳои СССР ва диг. давлатҳои ҷаҳон маҳфуз аст.

Ад.: Стори Ч. А., Персидская литература. Био-библиографический обзор. Перераб. и доп. Ю. Э. Бергеля, М., 1972.
А. Мухторов.

БАНОРА́С, Варанаси, шаҳр дар шт. Уттар-Прадеши Ҳиндустон. Дар соҳили д. Ганг воқеъ аст. Узели магистрали Калкатта—Деҳлӣ. Аҳол. 582,9 ҳаз. наф. (1971). Яке аз қадимтарин шаҳрҳои мамлакат, маркази маданият, дин ва косибист. Б. бо матоъҳои зарбафт, қолин ва ҷавоҳироти худ шӯҳрат дорад. З-ди тепловоз ва корхонаҳои саноати матоъҳои пахтагӣ, шиша, химия, хӯрокворӣ ва ғ. мавҷуданд. Ун-т, китобхона, расадхонаи Ҷай Сингҳ (1700), зиёратгоҳҳо, қариб 1500 ибодатхона, ёдгориҳои меъмории асримиёнагӣ дорад. Б. дар а. 7 то м. буньёд ёфта, Каши ном дошт. Аз с. 1950 тобеи шт. Уттар-Прадеш. Матои банорас, ки дар Осиёи Миёна машҳур аст, аз ҳамин шаҳр баромадаст.

БА́НОРАС (аз номи ш. Банорас), навъи матои тораш абрешиму пудаш риштаи пахта. Ду навъи Б. маълум: оддӣ ва олӣ. Ба ҳар панҷ нахи тори навъи оддии он як нахи кабуди баланд ҳамроҳ мешавад. Пудаш ресмони кабуд. Навъи олии Б. «Нуқракӯб» ном дошта ба ҳар 12 нахи тори он як нахи кабуди баланд ҳамроҳ мекунанд. Пудаш ресмони сафед. Ватани Б. Ҳиндустон бошад ҳам, дар бисьёр ш-ҳои Осиёи Миёна (Хуҷанд, Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Наманган ва ғ.) паҳн буда, аз Б. ҷома медӯзанд. Ҳоло Б.-ро дар корхонаҳои махсуси истеҳсолии Тоҷикистон тайёр мекунанд. Аз Б. ҷома ва диг. либосҳои миллӣ медӯзанд. *Н. Турсунов.*

БАНҒОЗӢ بنغازی шаҳр, яке аз пойтахтҳои (дар қатори Триполи) Ҷамоҳирияи Арабии Либияи Халқии Социалистӣ. Дар интиҳои ҷан. димоғаи гул. Сидраи Баҳри Миёнаҳазамин воқеъ аст. Аҳол. 282 ҳаз. наф. (1973). Узели роҳҳои автомобильгард. Аэропорташ аҳамияти байналхалқӣ дорад. Б. яке аз марказҳои муҳими тиҷоратию саноатии мамлакат. Аз ҷиҳати калонӣ ва ҳаҷми муомилоти бор бандари дуюми мамлакат (баъди Триполи). З-дҳои цемент, асфальт мавҷуданд. Равғани зайтун, шарбати мева, консерв ва ғ. истеҳсол мекунад. Дар наздикии Б. кони намак ҳаст. Аз баҳр исфанҷ (ҳайвони обӣ) ва моҳӣ медоранд. Б. дорои 3 фак-ти Ун-ти Либия, коллеҷҳо, кинотеатрҳо, меҳмонхонаю китобхонаҳо мебошад. Дар қисми кӯҳнаи шаҳр кулбаҳои гилин, ёдгориҳои меъмории а. 16 — масҷиди Ҷомеъ-ул-Кабир ва ғ. боқӣ мондаанд. Дар қисми наваш биноҳои замонавӣ, ҳукуматӣ сохтааанд. Б. шаҳри курортист. Б. а. 5 то м. буньёд гардида, дар асрҳои миёна Беренике ном дошт. Арабҳо с. 1540 шаҳрро забт намуда, онро ба хотираи ҳазрати Сиди бин Ғози Б. номидаанд.

БАНӢ МУСО بنی موسی, яъне писарони Мусо: Муҳаммад (с. тав. номаълум — ваф. янв. 873), Ҳасан ва Аҳмад (с. тав. ва ваф. номаълум). Аслан аҳли Хуросон буда, дар Бағдод дар соҳаи математика, астрономия, назарияи мусиқӣ ва механика тадқиқот бурдаанд. Расадхонаи шахсӣ сохта, с-ҳои 850—870 мушоҳидаҳои астрономӣ гузарондаанд. Ибни Юнус дар «Зичи кабири Ҳокимӣ» шаш расадхонаи Б. М.-ро зикр мекунад. Асарҳои олимони Юнонро ба арабӣ тарҷума кардаанд ва шарҳ додаанд. Муҳаммад бештар дар ҳандасаву нуҷум, Аҳмад дар нуҷуму механика, Ҳасан дар ҳандаса шӯҳрат доштанд. Абӯрайҳони Беруни дар «Осор-ул-боқия» ба зичҳои Б. М. баҳои баланд медиҳад ва аз нодирони асри худ будани онҳоро қайд мекунад. Чунончи, бино ба қавли Беруни Муҳаммад ва Аҳмад с. 858 дар Рай баландии максимуми Офтоб (79°22′), ва минимуми Офтоб (32°13′) ва аз рӯи ин ду қимат майли эклиптикаро (23° 34′ 30″) ҳисоб кардаанд. Онҳо трисекцияи кунҷ ва бо ёрии тор кашидани эллипс, қимати π ва ҳалли муодилаи $\frac{a}{x} = \frac{y}{x} = \frac{x}{b}$ -ро медонистанд.

БАНҶ, базрулбанҷ, шайтонкоса (Hyoscyamus niger), гиёҳи дусола, мансуби *авранҷиҳо*. Баландиаш 20—125 см. Пояи рост, сершох, барги байзашакл ё нештаршакли дарозрӯя, гули сафеди зардтоб, ғӯзаи кӯзачашакли сертухм, тухми мудаввар ё гурданамои бӯртоб ё сиёҳ дорад. Аз апр. то сент. гулу мева мекунад. Гиёҳи басо захрнок ва бадбӯй, ҳамчун алафи бегона дар боғу киштзор, заминҳои бекорхобида, наздикии истиқоматгоҳ, канори роҳ, марғзору бутазор ва ғ. месабзад. Б.-и худрӯй дар Европаи Миёна, кишварҳои Скандинавияю Баҳри Миёнаҳазамин, Балкану Осиёи Хурд, Эрон, Муғулистону Хитой ва СССР (қисми Европой, Крим, Кавказ, Сибири Ғарбӣ ва Шарқӣ, Шарқи Дур, Осиёи Миёна) паҳн шудааст. Ба Америкаи Шимолӣ ва Австралия низ бурдаанд. Ҳамчун гиёҳи шифоӣ дар Япония, Покистон, Ҳиндустон ва баъзе кишварҳои Европа ва СССР (Украина, вил. Воронеж) мекоранд. Дар РСС Тоҷ. дар ҳама ҷо (ғайри Помири Шарқӣ) паҳн шудааст. Барги Б. ҷузъи таркибии доруи астматол ва астматин буда, дар амалияи тибби муосир барои муолиҷаи зиққи нафас ва ғ. истифода мешавад. Б. алкалоидҳои захрноки гиосциамин, атропин ва скополамин дорад.



Ад.: Комаров Б. М., Определитель растений Северного Таджикистана, Д., 1967; Чиков П. С., Лаптев Ю. П., Витаминные и лекарственные растения, М., 1976. *М. Ҳоҷиматов.*

БАНҶУ́Л (то 24 апр. 1973 Батерст), пойтахти Гамбия, бандар дар шарқи ҷаз. Сент-Мэри, дар резиштгоҳи д. Гамбия. Аҳол. 45 ҳаз. наф. (1973). Корхонаҳои равғаи, коркарди финдиқ, сабзавот (асосан помидор), консерви моҳӣ, киштисозӣ дорад. Финдиқ, мағзи нахл, пӯст экспорт мекунад. Б. яке аз пунктҳои муҳими роҳи ҳавоии Африка — ШМА мебошад. Аэропорти байналхалқӣ ва коллеҷи муаллимтайёркунӣ дорад. Б. с. 1816 буньёд ёфтааст. Аз февр. 1965, баъд аз эълони истиқлолияти Гамбия, пойтахти мамлакат.

БАПТИ́ЗМ (юн. baptizo — меғӯтонам, таслиб мекунам), яке аз мазҳабҳои протестантизм, ҷараёни буржуазӣ дар *масеҳият*. Дар ибтидои а. 17 дар Голландия, Англия, ШМА пайдо шудааст. Аз с. 1867 дар Россия паҳн мегардад. С. 1944 дар СССР баптистон бо насрониёни инҷилпараст муттаҳид шуда, Совети умумииттифоқии баптистҳои инҷилӣ—насронӣ (СУБИН)-ро ташкил карданд, муридони ин мазҳаб дар Тоҷикистон ҳам ҳастанд (Душанбе, Ленинобод, Қӯрғонтеппа). Совет журнали «Братский вестник»-ро нашр менамояд. Дар республикаи мо намояндагони — «ташаббускорон» («инициативники») низ вуҷуд доранд. Маросими асосии Б. ғусли таъмиди калонсолон буда, шахси онро ба ҷо оварда гӯё «барои олам фавтида, барои худо эҳьё мегардад». Баптистҳо дар ибодатхона ва иқоматгоҳҳо бо мусиқӣ ва сурудхонӣ ибодат мекунанд. Ба ҷамъияти баптистҳо кашишҳои интихобӣ роҳбарӣ мекунанд. Онҳо мекӯшанд, ки доираи манфиатҳои диндоронро дар чорчӯбаи ҷамъияти динӣ маҳдуд кунанд, нисбат ба илм ва маданият дар онҳо ҳисси навмедӣ барангезанд. *И. П. Ярошевский.*

БАРАБА́Ш Юрий Яковлевич (тав. 10. 8. 1931, Харьков), адабиётшиноси советӣ. Аъзои КПСС аз с. 1959. Ун-ти Киевро хатм кардааст (1955). Доктори илми филология (1969), проф. (1971), директори Ин-ти адабиёти ҷаҳон (1975—77), аз с. 1977 ҷонишини

якуми вазири маданияти СССР. Аввалин таълифоташ с. 1954 ба табъ расида, то имрӯз доир ба масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ беш аз 100 рисолаву мақола нашр кардааст. Муҳимтарин рисолаҳои илмию адабиётшиносии ӯ: «Шоир ва замон» (1958), «Реализми баландпарвоз» (1961), «Ҷавҳари ҳақиқат» (1962), «Довженко» (1968), «Дар бораи халқият» (1970), «Масъалаҳои эстетика ва поэтика» (1973, 1977). Бо 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БАРАВӢ, деҳа дар С. қ. Водхуди р-ни Ванҷи ВАБК. Дар соҳили рости д. Панҷ воқеъ аст. Торр. с-зи «50-солагии СССР». Аз Б. то маркази С. қ. 3 км, то район 17 км, роҳ мошингард. Аҳол. 208 наф. (1976), теҷикон. Мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — тамокукорӣ, чорводорӣ, кирмакдорӣ, сабзавоткорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Баравӣ обьёрӣ мешаванд.

БАРАК, т у ш б е р а, навъи таоми тоҷикон. Хамири тушбераро аз орди хушсифат бо обу намак, тухм тайёр мекунанд. Хамирро зувола гирифта хурд-хурди чоркунҷа мебурранд. Дар тайёр кардани Б. пиёз, гӯшти қима (аз гӯшти тозаи гӯсфанд ё гов) ва дорувор (мурч, зира, қаламфур)-ро истифода мебаранд. Қимаи тайёрро ба чалпакчаҳои чоркунҷа ё мудаввари тунук печонда, дар оби банамак мепазанд. *М. Ҳомидҷонова.*

БАРАКБАРДӢР, ниг. *Чавлӣ.*

БАРА́НОВ Павел Александрович (28. 7. 1892, Москва — 17. 5. 1962, Ленинград), ботаники советӣ, аъзо-корр. АФ СССР (1943). Ун-ти Москваро хатм кардааст (1917). Яке аз ташкилкунандагон ва проф. (1928) Ун-ти давлатии Осиёи Миёна (Тошкент). Сардори экспедицияи Помир (1933—38), ташкилкунанда ва директори Станцияи биологии Помир (с-ҳои 1938—41). С-ҳои 1944—52 ҷонишини директори Боғи марказии ботаникии Москва, с. 1949 раиси Президиуми шӯъбаи Молдавии АФ СССР ва 1952—62 директори Ин-ти ботаникаи АФ СССР буд. Оид ба эмбриология, анатомия, биология ва селекцияи растаниҳо зиёда аз 200 асар навиштааст. Бо ордени Ленин, ордени Ситораи Сурх, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Приспособительная эволюция виноградной лозы. Ташкент, 1949; История эмбриологии растений в связи с развитием представлений о зарождении организмов. М.-Л., 1955.

БАРА́НОВИЧИ, шаҳр дар вил. Брести РССБ. Узели калони р. о. Аҳол. 126 ҳаз. наф. (1977). Корхонаҳои калони саноатиаш: з-дҳои агрегати автомобиль, асбобу афзори дастгоҳҳо, мошинҳои саноати савдо, з-д ва комб. васли қисмҳои оҳану бетонӣ, комб. матоъҳои пахтагӣ, ф-каҳои дӯзандагӣ, трикотаж, пойафзол, комб-ҳои консерви гӯшт, орд, нон, з-дҳои пиво, шир. Дар Б. техникумҳои саноати сабук, технологӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, мусиқӣ, музеи кишваршиносӣ мавҷуданд. Шаҳр дар с-ҳои 70-уми а. 19 буньёд ёфтааст.

БАРА́НСКИЙ Николай Николаевич (27. 7. 1881, Томск — 29. 11. 1963, Москва), географ ва иқтисодчии советӣ, ходими ҷамъиятӣ, аъзо-корр. АФ СССР (1939), проф. МГУ (аз 1929) ва диг. мактабҳои олии Москва. Ходими Хизматнишондодаи Илми РСФСР (1943), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1962). Аъзои КПСС аз с. 1920. С. 1914 Ин-ти коммерциониии Москваро хатм кард. Аз с. 1918 бо омӯхтани географияи иқтисодӣ машғул шуд. Б. чанд китоби дарсӣ, инчунин доир ба географияи иқтисодии СССР, мамлакатҳои хоричӣ ва методологияи географияи иқтисодӣ як қатор асарҳо навиштааст. Ӯ асосгузори соҳаи нави географияи иқтисодӣ — географияи шаҳрҳо, равияи ноҳиявӣ ва принципҳои методологияи кишваршиносии советист. Бо 3 ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Экономическая география. — Экономическая картография, 2 изд., М., 1960; Методика преподавания экономической географии, М., 1960.

БАРАТАШВИ́ЛИ Николоз Мелитонович (27. 12. 1817, Тифлис — 21. 10. 1845 ш. Ганҷа), шоири гурҷӣ. Аз оилаи дворянини камбағал. Омӯзишгоҳи шарифи Тифлисро хатм кардааст (1835). Чун шоир аз аввали с-ҳои 40 шӯҳрат ёфта, вале шеърҳояш танҳо с. 1852 ба табъ расидааанд. Ашъори Б. қуллаи баланди романтизми гурҷӣ буда, аз ғояҳои озодфикрӣ ва таблиғи истиқлолияти миллӣ саршор аст. Б. инкишофи маданияти халқи худро василаи пешрафти миллат медонад. Ин андешаҳо дар шеъри «Шоми Мтацминда» (1836) ифода ёфтаааст. Шоири озодидӯст бо вазъияти давр муросо накардааст, ки ин сарчашмаи лирикаи пурэҳсоси ӯ гардидааст. Шеъри «Мерани» (1842) аз шоҳкориҳои лирикаи фалсафии Б. буда, дар он иродаи халқ барои озодии миллӣ ва ҷамъиятӣ ба таври рамзӣ тасвир ёфтааст. Достони «Тақдири Гурҷистон» (1839) дар эҷодиёти Б. мавқеи калон дошта, як лаҳзаи ҳузнангези таърихи кишвари шоир— ба Тифлис ҳуҷум кардани (1795) шоҳи Эрон Оғо Муҳаммадро инъикос мекунад. Б. дар ин достон иқдоми шоҳ Ираклии II-ро барои ҳамроҳ шудани Гурҷистон ба Россия ҳамчун зарурати ногузир ва воқеаи пешқадами таърихӣ маъқул донистааст.

БАРАФШО́Н برافشان 1) оҳанг ва таронаи маросимии давраи Сосониён буда, муаллифи он *Борбади* Марвист; 2) вазн, зарби мусиқӣ дар таркиби мақомҳо («Дувоздаҳмақом»), ки он аз 7 зарб (5-зарби вазнин ва ду зарби сабук) иборат аст. *А. Раҷабов.*

БАРАҲМА́Н Чандра́ Бҳа́н (1575, Лоҳур — 1662, Банорас), шоир ва нависандаи форсизабони Ҳиндустон. Б. баъди касби камол муншии дарбори Шоҳиҷаҳон (1627—58) мешавад. Б. дар охири умр дарборро тарк карда, дар Банорас умр ба сар бурдааст. Осори манзумаш, ки аз ғазалу рубоиёт иборат мебошад, дар девоне фароҳам омадааст. «Муншаот»-и Б. намунаи шеваи насри форсии ӯст, ки аз номаҳои ба муосирон навишта ба ҳам омадааст. Б. бо унвони «Чор чаман» китоби насрие дорад, иборат аз чор фасл: 1) идҳои ҳиндӣ ва тарзи гузаронда шуданашон дар боргоҳи Шоҳиҷаҳон; 2) дар бораи осори таъриҳию меъмории Шоҳиҷаҳонобод (Деҳлӣ); 3) тарҷумаи ҳоли худи Б.; 4) баёни ақидаҳои ахлоқию динии худ. Тамоми осори Б. ба забони равону салис таълиф шудааст. *А. Ғаффоров.*

БАРАҲМА́Н, 1) роҳиб, намояндаи кастаи олӣ дар Ҳиндустон. Табақаи роҳибони касбӣ, ки дар ҳазорсолаи 1 то м. дар Ҳиндустони Шимолӣ ба вуҷуд омада, дар ҷамъият мавқеи олиро ишғол намуд. Вале танҳо дар давраи баъдиведӣ (ниг. *Ведаҳо)* ба туфайли ҷорӣ шудани парастиши Бараҳма (худои олии бараҳмания) ва мураккаб гардидани маросими динӣ, вазифаи роҳиб амри меросӣ шуд ва Б.-ҳо табақаи махсусро ташкил намуданд. Б.-ҳо омӯхтани Ведаҳоро касби худ карданд, забони онҳоро муқаддас эълон намуда, истифодаи онро фақат ба Б. раво медонистанд ва даъво мекарданд, ки Б.-ҳо ба худоҳо таъсир расонда метавонанд. Дар Ҳиндустони ҳозира Б.-ҳо қисми синфҳои ҳукмрон ва интеллигенцияро ташкил медиҳанд. Дар байни Б.-ҳо инчунин деҳқонон, амалдорони хурд, хизматгорон ва коргарон ҳастанд. 2) Категорияи фалсафаи идеалистии ҳинд (асосан дар *Веданта)*, ба маънии рӯҳи мутлақи бечисм, ки гӯё асоси ҳама ашёё бошад. 3) Рисолаҳои динии Ведаҳо, ки тақрибан а-ҳои 8—6 то м. навишта шудаанд. *М. Раҳимов.*

БАРАҲМАНИЯ, яке аз динҳои қадимтарини ҳиндуён, ки дар ибтидои ҳазорсолаи 1 то м. дар заминаи инкишофи минбаъдаи *дини ведӣ* пайдо шудааст. Барои Б. бисьёрхудоӣ, риояи ақидаҳои анимистию (ниг. *Анимизм)* тотемистӣ (ниг. *Тотемизм)* ва *аҷдодпарастӣ* хос аст. Худоҳои олии Б.: Бараҳма — офаридгори олам ва тимсоли вай, Вишнуи валинеъмат ва Шиваи мудҳиш — таҷассуми фантастикии қувваҳои табиат мебошанд. Б. ҳамчун дини ҷамъияти синфӣ ҳокимияти подшоҳӣ, нобаробарии ичти-

мой, ба варнаҳо ва кастаҳо ҷудо шудани ҷамъиятро муқаддас дониста, онҳоро амри худо эълон мекард. Мувофиқи таълимоти Б. сабабгори аввалини олам рӯҳи ягонаи ҷовид буда, рӯҳи одам ҷузъи вай аст. Вақто ки одам мемирад, таъкид мекарданд бараҳманҳо, ҷони вай ба ҷисми диг. таваллудшаванда мегузарад ва ин амр то аз тамоми ноқисиҳо раҳой ёфтан ва бо ҷони умумӣ омехтани он давом мекунад. Б. ба иҷрои маросимҳои қурбонӣ, садақа ба хотири гузаштагон, покшавӣ аз гуноҳ диққати махсус медиҳад. Дар миёнаи ҳазорсолаи 1 то м. динҳои пав — *буддоия* ва *ҷайния* ба вуҷуд омаданд, ки дар натиҷа Б. мавқеи худро аз даст дод ва дар ибтидои ҳазорсолаи 1 м. дар мубориза бо буддоия ва дар зери таъсири он ба *ҳиндуия* табдил ёфт.

М. Раҳимов.

БАРБАДО́С (Barbados), давлат дар Вест-Индия, дар ҷаз. ҳампом аз гурӯҳи ҷаз-ҳои Антили Хурд. Масоҳ. 430 км². Аҳол. 248 ҳаз. наф. (1975). 91%-и аҳолӣ зангиҳо ва 4% сафедпӯст. Қисми зиёди диндорон насрониянд. Пойтахт ва бандари асосӣ — ш. Бриҷтаун (аҳол. 109 ҳаз. наф. 1972). Забони давлатӣ — англисӣ.

Б. давлати соҳибихтиёр дар ҳайати Иттиҳодияи Британия. Сардори давлат маликаи Англия, намояндаи вай дар Б.— генерал-губернатор. Ҳокимияти қонунбарор — парламент. Он аз палатаи маҷлис (24 депутат, ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад) ва сенат (21 аъзо) иборат аст. Генерал-губернатор аъзоёни сенатро бо тавсияи сарвазир (12 наф.), пешвои оппозиция (2 наф.) ва худи ӯ (7 наф.) таъин мекунад. Кабинети вазирон бо сардории сарвазир ҳокимиятро идора менамояд.

Табиат. Сатҳи замини Б. нисбатан ҳамвор буда, ба тарафи маркази ҷаз. кам-кам то 340 м аз с. б. баланд мешавад. Иқлимаш тропикӣ, пассатӣ. Боришоти солона 1400 мм. Заминаш ҳосилхез, қариб ¾ майдон корам аст.

Маълумоти таърихӣ. То омадани европоиён дар ҷазира ҳиндуёни Америка зиндагӣ мекарданд. С. 1518 ҷазро испаниҳо кашф карда, ба он Барбадос (исп. barbado — ришдор) ном доданд. С. 1625 англисҳо дар Б. колонияи худро ташкил карданд. Баробари васеъшавии киштзори найшакар ба Б. аз Африка ғуломон меоварданд. Шумораи аҳолии зангӣ афзуд. Дар Б. борҳо бар зидди англисҳо шӯриш бархост. С. 1838 ғуломдорӣ барҳам хӯрд, аммо муборизаи зидди англисҳо то с. 1937 давом кард. С-ҳои 1958—62 Б. ба Федерацияи Вест-Индияи Британияи Кабир дохил буд. С. 1961 худидоракунии дохилиро соҳиб шуд. Б. 30 нояб. 1966 истиқлолият ба даст овард. Дек. 1966 ба аъзогии ТДМ қабул гардид; аз с. 1967 Б. аъзои Ташкилоти давлатҳои америкой мебошад.



Б. дар кори конференцияҳои мамлакатҳои бетараф ба сифати мушоҳидачӣ иштирок мекунад. Дек. 1972 Б. бо Куба муносибати дипломатӣ барқарор кард.

Хоҷагӣ. Б. мамлакати суст таракқикардаи аграрист. Иқтисодиёташ тобеи капитали хориҷӣ (Британияи Кабир, ШМА ва Канада) аст. Зиёда аз 70%-и терр. мамлакат барои х. қ. истифода мешавад: 29 ҳаз. га барои кишт ва 7,7 ҳаз. га барои чарогоҳ. Зироати асосии х. қ.— найшакар (21 ҳаз. га). Аз зироатҳои хӯрокворӣ батат, ямс ва маниок парвариш мекунанд. Боғдорӣ низ тараққӣ кардааст (манго, авокадо, меваҳои цитрусӣ, гуява). Гӯсфанд, буз, хук ва гов мепарваранд. Моҳидорӣ ривоҷ ёфтааст. Саноаташ асосан аз корхонаҳои қанд (22 з-д) иборат аст. Масолеҳи бинокорӣ ба миқдори кам истеҳсол карда мешавад. Туризми хориҷӣ аҳамияти калон дорад (соле қариб 150 ҳаз. турист). Тӯли роҳҳои автомобильгард 3 ҳаз. км. Р. о. надорад. Б. ба хориҷа қанд (зиёда аз ½ экспорт), шираи қанд, ром бароварда, аз он ҷо молҳои саноатӣ, хӯрокворӣ, сӯзишворӣ мегирад. Б. асосан бо Британияи Кабир, ШМА, мамлакатҳои Вест-Индия савдо мекунад. Воҳиди пул—доллари Б. (1 доллари Б.= 0,5 доллари ШМА; 1977).

Партияҳои сиёсӣ. Партияи лейбористии Б. (ПЛБ) ҳукмрон, с. 1938 ташкил шудааст. Платформаи сиёсии ПЛБ характери социалӣ-ислоҳотӣ дорад. Партияи демократии лейбористӣ (ПДЛ) (оппозиционӣ), с. 1955 таъсис ёфтааст. Программаи сиёсии он аз программаи партияи ҳукмрон кам фарқ дорад. Тарафдори ҷалб намудани каҷитали хориҷӣ ва тараққӣ додани сектори хусусӣ аст. Иттифоқи коргарони Б. с. 1941 ташкил гардид. Ба ҳайати Конфедерацияи байналхалқии иттифоқҳои касабаи озод дохил аст.

Маориф. Мактаби ибтидоӣ 6-сола, мактаби миёна 5-сола буда, таълим дар мактабҳои ибтидоию миёнаи давлатӣ бепул аст. Таълим ба забони англисист. С. 1967 дар мактабҳои ибтидоӣ 44 ҳаз. ва мактабҳои миёна 12,8 ҳаз. талаба таҳсил мекард. Дар Бриҷтаун Коллеҷи санъату илм (1963) аст, ки филиали Ун-ти Вест-Индия мебошад, Китобхонаи оммавӣ (тақр. 100 ҳазор ҷилд китоб дорад), китобхонаи университет (бештар аз 14 ҳазор ҷилд китоб дорад) ва музеи мавҷуд буда, дар назди музеи ҷамъияти илмии оид ба таъриҳ ҳаст.

Адабиёти хаттӣ (ба забони англисӣ) с-ҳои 40 а. 20 зери таъсири муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ инкишоф ёфт. С. 1950 журнали «Бим» («Bim») ба табъ расид, ки ба адабиёти Вест-Индия таъсир мерасонад ва дар ҳаёти адабии Б. омили муҳим мебошад.

БАРБАРИЯТ, яке аз се давраи таъриҳи инсоният — *ҷоҳилия*, барбарият ва *тамаддун*, ки дар с-ҳои 60 а. 18 файласуфи шотландӣ А. Фергюсон пешниҳод кардааст. Этнографи америкой Л. Г. Морган ин схемаро асоснок кунонда («Древнее общество», М., 1935), нишон дод, ки давраи Б. аз кашфи кулолӣ то пайдоиши ҳат идома дошт. Ф. Энгельс ин тақсимоти Морганро қабул карда, дар айни ҳол шартӣ будани онро низ қайд намудааст (ниг. *«Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат»*). Юнониён ва римиён тамоми халқҳои ғайрро, ки ба забони бегона гап мезаданд, беэътиноёна одамони даҳал, ваҳшӣ, ҷоҳил—барбарӣ меномиданд, ки гӯё аз азал ба онҳо ҳолати бандагӣ хос бошад. Бисьёр муҳаққиқони ҳозира схемаи Морганро истифода накарда, шакли нави тақсими давраҳои ҷамъияти ибтидоиро кор мефармоянд. Ниг. низ *Ҷамоаи ибтидоӣ.*

М. Раҳимов.

БАРБАРҲО́, гурӯҳи халқҳо, аҳолии асосии мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ (Мавритания, Марокаш, Алҷазоир, Тунис, Либия ва диг. мамлакатҳои араб, Судони Марказӣ ва Ғарбӣ, Нигер, Мали, Вольтаи Болo). Шумораашон зиёда аз 6 млн наф. (1967). Ба лаҳҷаҳои забони барбарӣ гап мезананд, аксарият забони арабиро низ медонанд. Гурӯҳи асосии қабилаҳои Б. тамазигтҳо, рифҳо, шлёхҳо, туарегҳо, кабилиҳо ва ғ. Б. аҳолии қадимтарини Африкаи Шимолӣ. Аҷдоди онҳо, ки дар ғарби Миср ҳаёт ба сар мебурданд, бори аввал дар навиштаҷоти мисрии охири ҳазорсолаи 4-ум ҳамчун техену номбар шудаанд. Баъдтар барои ишорати ин қабилаҳо мисриёни қадим номҳои лебу ё либуро (номи либиҳо аз ҳамин ҷост) истифода бурданд. Баъди Африкаи Шимолиро забт кардани арабҳо этноними Б. пайдо шуд (а-ҳои 7—8), шояд аз калимаи юнонии barbaros ба вуҷуд омада, маъноҳои «ғайри араб», «кофир»-ро ифода кунад, ки сараввал арабҳо истифода мебурданд. Баъди Мағрибро забт кардани арабҳо арабонидани Б. ва қабули дини ислом сар шуд. Машғулияти асосии Б.: зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, қисми Б., дар Марокаш ва Алҷазоир, дар саноат кор мекунанд.

БАРБА́Т (بربط — синаи мурғобӣ), аз асбобҳои қадимии тордори мусиқӣ, ки ба синаи мурғобӣ шабоҳат дош-

та, дастааш кӯтоҳ аст. Дар а-ҳои 11—12 он аз чор тор (бам, мусаллас, мусанно, эер) иборат буда, бо мурури замон ҳофизону бастакорон, навозандагону мусиқишиносони форс-тоҷик — *Залзали Розӣ* (а-ҳои 8—9), *Исҳоқи Мавсилӣ* (а-ҳои 8—9), Исои Барбатӣ (а. 11) ва диг. тору парда, усулҳои навозиш ва сохти Б.-ро тағьир ва такмил додаанд. Б. ҳоло дар истифода пест.

А. Раҷабов.

БАРБОТЬКО Владимир Иосифович (тав. 21. 8. 1927, ш. Анжеро-Суҷенски вил. Кемерово), актёри совет. Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1977). Фаъолияти эҷодиаш баъди хатми студияи театрии ш. Новосибирск (1944) оғоз ёфтааст. С-ҳои 1944—51 дар сафи Армияи Советӣ (дар айни замон актёри Театри марказии Армияи Советӣ) хизмат кардааст. С-ҳои 1951—57 актёри театри ш. Клайпедаи РСС Литва. Аз с. 1957 актёри Театри драмаи русии ба номи Маяковскии РСС Тоҷ. Асосан рольҳои драмавӣ ва мазҳакавиро иҷро менамояд, олами зоҳирӣ ва ботинии қаҳрамонро бо маҳорат инъикос мекунад. Дар саҳнаи театру кино зиёда аз 160 роли хурду калонро иҷро кардааст. Рольҳои намоёнаш дар саҳнаи театр: Фестеи ширинкор («Шаби дувоздаҳум»-и У. Шекспир, 1955), Перчихин («Дар қаър»-и М. Горький, 1953), капитан Егорович («Падари худро пос дор»-и Б. Лаврентьев, 1967), Пикалов («Любовь Яровая»-и К. Тренёв, 1969), Хокироҳ («Уқоб»-и С. Сафаров, 1976), Наум Евстегнеевич («Характерҳо»-и В. Шукшин, 1977), Костылёв («Дар қаър»-и М. Горький, 1977) ва ғ. Дар фильмҳои тоҷикӣ низ иштирок намудааст: суратгир («Духтари сеюм», 1972), деньщик («Асрори аҷдодон», 1973), Ефремов («Ман — сарҳад», 1974, Тоҷиктелефильм) ва ғ. Бо 3 медаль мукофотонида шудааст.

БАРБЮС (Barbusse) Анри (17. 5. 1873, Аньер — 30. 8. 1935, Москва), нависанда ва ҳолими ҷамъиятии Франция. Аъзои Партияи Коммунистии Франция аз с. 1923. Аз оилаи адиб. Аввалин маҷмӯаи шеърҳояш — «Занҳои лавҳагар» (1895) оҳангҳои навмедона дошт. Б. дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) иштирок карда, с. 1916 дар фронт романи «Оташ»-ро навишт, ки дар он сурати ҳақиқии рӯзҳои ҷанг ва ба моҳияти он сарфаҳм рафтани ҷанговарон тасвир шудааст. Рев. Октябрь ба ҳаёт ва эҷодиёти Б. таъсири калоне расонид. Китоби «Рӯшной аз партгоҳ» (1919), маҷмӯаи мақолаҳои «Қавли ҷанговар» (1920) ба сарнагун кардани сохти капиталистӣ даъват мекунанд. Б. якчанд бор ба СССР омада буд. Дар романи «Ҳалқаҳо» (1925) таърихи ҷаҳониро чун силсилаи азобу шиканҷаи омма, муборизаи инсоният баҳри озодию саодат тасвир кардааст. С. 1930 китоби «Россия»-и ӯ аз чоп баромад, ки дар он ба сохтмони социализм таҳният гуфтааст. Китоби «Золя» (1932), ки намунаи таълифоти танқидию адабии ӯст, аз бисьёр ҷиҳатҳо манифести эстетикии муаллиф мебошад. Б. роҳбари Конгресси умумиҷаҳонии зидди ҷанги империалистӣ (Амстердам, 1932) ва асосгузори Комитети умумиҷаҳонии муборизо ба муқобили ҷанг ва фашизм (1933) буд. Дар тайёр кардан ва гузаронидани Конгресси байналхалқии ҷавонон (Париж, 1933) ва Конгресси Байналхалқии нависандагон барои муҳофизати маданият (Париж, 1935) фаъолона иштирок дошт. Ба забони тоҷикӣ ҳикояи Б. «Назокат» (1962) нашр шудааст.

БАРГ, аъзои пашви растаниҳои дараҷаи олӣ, ки вазифаи *фотосинтез*, транспирация (ниг. *Бухоршавӣ*) ва мубодилаи газро иҷро мекунад. Б. чун аъзои афзоиш, ҳимоя, захираи моддаҳои ғизоӣ ва ғ. аҳамият дорад. Б.-и бештари растаниҳо паҳнаку думча, Б.-и баъзе растаниҳо фақат паҳнак дорад. Б. бештар пешбарга дорад. Дарозии Б. аз 1—2 мм то ба 12—20 м (дар рафия ном нахл) мерасад. Нашъунамои Б. аз якчанд ҳафта то 15 сол (ладен) тӯл мекашад. Дигаргуншавии шакли Б. ва қисмҳои он — танобак, филлодий (мас., дар аҳоқиёҳои Австралия), ҷиҳози ҳашаротхӯр (дар растаниҳои ҳашаротхӯр ва ғ.) низ маълуманд. Б. содда ва мураккаб мешавад. Б.-и содда бечок ё чок-чок мешавад. Паҳнаки Б.-и бечок мудаввару ҳанҷаршакл, нештару дилшакл ва ғ., канорашдандонадор, бедандона, арра-арра ва ғ. мешавад. Вобаста ба чок-чокии паҳнак Б.-и содда чок-чок, пар ва панҷашакл ва ғ. ва Б.-и мураккаб себарга, панҷа-панҷа ва паршакл мешавад. Б. дар тана рӯ ба рӯ, бонавбат ва гирдогирд ҷой мегирад. Дар растаниҳои поянашон кӯтоҳ Б. аз гарданаи реша месабзад. Б. аз боло ва поёнаш пӯстпарда дошта, дар он даҳончаҳо (масомаҳо) вуҷуд доранд. Қисми нарми Б. аз бофтаи ассимиляционӣ — мезофилл ва раг (ниг. *Рагдавонии барг*) иборат аст. Ҳуҷайраҳои мезофилл *пластид* доранд, ки ба Б. ранг мебахшад. Б.-и бештари гиёҳҳо ба миқдори бисьёр моддаҳои ғизоӣ ва доруӣ дорад. Аз ин рӯ опро дар хӯрок, тиб, саноат ва ғ. истифода мебаранд.

Тасвирашро ниг. дар саҳ. 384—385.

Баргак.

БАРГАК, дар этнография, 1) нусхаи барг, ки аз тилло, нуқра ё мис месохтанд. Б. дар санъати заргарии тоҷикон васеъ паҳн гашта, дар гарданбанд, пешонибанд ва овезаҳои гӯшворҳо истифода мешуд. Мас., дар Ҳуҷанд, Уротеппа, Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Тошкент ва Панҷакент дар гарданбанд Б.-ро ҳамроҳи марҷон истифода мекарданд. 2) Пешонибанди калоне, ки дар он Б.-ҳои зиёде меовехтанд. Б.-ро арӯсон аз рӯзи тӯй то таваллуди нахустфарзанд мебастанд.

Л. Чвырь.

БАРГАК, зардолуи дукафони бедонаки хушк. Баъзан зардолуро пешакӣ бо гази сульфит буғ медиҳанд. Б. 50—60% қанд ва то 22% об дорад. Б.-ро дар СССР (РСС Тоҷ., РСС Уз., РСС Қирғ.) ва Шарқи Наздику Миёна тайёр мекунанд.

БАРГИ ДЕКАРТ, хати каҷи ҳамвори тартиби сеюм, ки бори аввал Р. *Декарт* (1638) муқаррар кардааст. Дар системаи координатаҳои росткунҷа бо муодилаи $x^3+y^3-3axy=0$ ифода меёбад. Хати рости $x+y+a=0$ асимптотаи Б. Д. мебошад.



БАРГИ ЗУЛФ, филгӯш (Plantago major), гиёҳи бисьёрсола, мансуби зуфиҳо. Баландиаш то 60 см. Пояи бебарги гуловар, барги аз бехи поя нумӯёбандаи байзашакл (дарозиаш 5—12 см), гули майдаи бӯртоб, гултӯдаи хушанамо (дарозиаш 9—24 см), ғӯзаи байзашакли 8—16-тухма (вазни 1000-тоаш 0,14—0,40 г) дорад. Аз май то охирҳои сент. гулу мева мекунад. Одатан дар боғу киштзор, заминҳои партов, канори ҷӯй ва чашмасор ва ғ. ме-

Барги зулф: 1 — намуди умумӣ; 2—гул; 3—ғӯза.

сабзад. Дар Европа ва Осиё паҳн шудааст. Дар аксари районҳои СССР (аз ҷумла РСС Тоҷ.) дучор меояд. Ҳамчун гиёҳи шифоӣ дар Швейцария ва Иттифоқи Советӣ (РССУ) мекоранд.

Б. з. гиёҳи шифоии хеле қадимист. Дар тибби Хитой ҳанӯз 3 ҳазор сол пеш баргу тухми Б. з.-ро чун воситаи табобатӣ ба кор мебурданд. Ибни Сино онро дар табобати ҳар гуна варам, захму ҷароҳат, нуқсонҳои ҷигар, гурда, узвҳои нафас, реши рӯда ва ғ. истифода мекард. Дар амалияи тибби муосир барг, шира ва тухми Б. з. аҳамият дорад. Доруи плантаглюцид, ки аз баргаш тайёр мекунанд, дар муолиҷаи илтиҳобу реши меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта ба кор меравад. Барги он 380 мг% витамини С, 5,4—54 мг% каротин, 11% моддаҳои луобию даббоғӣ, турши лимӯ, гликозиди аукубин; ангиштоби плантеоза (0, 16—0,17%), тухмаш 10—44% моддаҳои луобӣ, 15—22% равғаи, сафеда, сапонини стероидӣ ва ғ. дорад.

Ад.: Ибн Сина, Канон врачебной науки, кн. 2, Ташкент, 1956; Комаров Б. М., Определитель растений Северного Таджикистана, Д., 1967; Чиков П. С., Лаптев Ю. П., Витаминные и лекарственные растения, М., 1976.

М. Ҳоҷиматов.

БАРГПЕЧОНАКИ ХӮШАИ ТОК (Polychrosis botrana), шапалаки зараррасони хавфноки ток аз оилаи баргпечонакҳо. Болаш дар паҳной 10—13 мм, қисми пешаш рангоранги нақшин. Дар Европаи Ғарбӣ ва СССР (Украинаи Ғарбӣ, Кавказ, Закавказия, Поволжияи Поён ва Осиёи Миёна, аз ҷумла РСС Тоҷ.) паҳн шудааст. Соле 3—4 бор насл меорад. Зимистонро дар ҷои кафидаю зери пӯстлохи ток (дар намуди зоча) мегузаронад. Шапалак баҳорон ба ғунчаю тобистон ба мева тухм мегузорад. Кирми насли 1-ум ғунчаву гул, ғӯрак ва минбаъд меваро меҳӯрад.

Баргпечонаки хӯшаи ток: 1 — шапалак; 2 — кирм; 3 — хӯшаи осебёфта.

Хӯшаи осебдида мепӯсад. Усули муборизa: парвариши навъҳои ба касалӣ устувор, ба хавоза бардоштани ток, истифодаи инсектицидҳо ва ғ.

Ад.: Принц Я. И., Вредители и болезни виноградной лозы, М., 1962.

БАРГРЕЗОНӢ, дефолиация, ба таври сунъӣ резонидани барги растаниҳо. Асосан барои осон шудани ғунчини механикии ҳосил мегузаронанд. Б.-ро бо ёрии моддаҳои химиявӣ — *дефолиантҳо* ба амал меоранд. Дефолиантҳоро ба пахта ҳангоми кушода шудани 1—3 ӯрак мепошанд. Б. инчунин дар парваришу нигоҳубини растаниҳои меваҷотӣ ва ороишӣ низ аҳамияти калон дорад.

БАРГУЗИН, дарьё дар РАСС Бурят. Тӯлаш 480 км, масоҳ. ҳавзааш 21 100 км². Аз нишебаҳои ҚҚ-ҳи Икат сар шуда, аз хамии Баргузин ҷорӣ мешавад ва ба кӯли Байкал мерезад. Шохобҳои асосиаш: Гарга, Аргада, Ина, Улюн. Манбааш асосан борон. Сарфи солонаи об дар резишгоҳ 130 м³/сон. Аз окт. то апр. ях мебандад. Оби Б. барои обьёрӣ истифода мешавад. То истгоҳи Могойто киштигард.

БАРГУСТУВОН, 1) либоси зиреҳдори ҷангӣ дар мамлакатҳои Шарқи Қадим; 2) болопӯши зиреҳдор барои муҳофизати асп дар вақти ҷанг.

БАРГҲӮРАК (Chrysomelidae), оилаест мансуби *гамбускҳо*. Тақрибан 40 ҳаз. намуди он дар ҳамаи қитъаҳо (ғайр аз Антарктика) паҳн шудааст. Дар фаунаи СССР тақрибан 1400 намуди Б. вомехӯранд. Дар РСС. Тоҷ. 600 намуди Б. маълум шудааст. Дарозии бадани Б. 1—35 мм. Гамбуск ва кирминаи онҳо барги гиёҳро меҳӯранд, баъзеашон дар тана ва решаи растаниҳо афзоиш карда, ба хоҷагиҳо зарари иқтисодӣ мерасонанд. Гамбуски колорадой (зараррасони картошка), Б.-и карам ва хардал (зараррасони растаниҳои сабзавотӣ), Б.-и сафедор ва роздор (зараррасони дарахтон) намояндагони хоси Б. мебошанд. Чораҳои муборизa: дорупошӣ ва агротехникаи мувофиқ.

Баргҳӯраки сафедор.

БАРГҲӮРАКИ КАРАМ (Pieris brassicae), шапалаки зараррасони карам. Болаш дар паҳной 50—60 мм, аз боло сафеди нӯксиёҳ ва дуто холи сиёҳ дорад, аз зер зарди сабзтоб. Дарозии кирмаш 40—45 мм, аз боло сабзи ашҳабӣ ва аз поён зард, бадонаш рахҳои зарду доғҳои сиёҳ дорад. Тухмаш зард. Бештар дар Европа, Осиё, СССР (Кавказ, Осиёи Миёна, аз ҷумла РСС Тоҷ.) ва Африкаи Шимолӣ паҳн шудааст. Кирми Б. к. асосан ба карам ва диг. чилликгулҳо зарар мерасонад. Шапалакҳои Б. к. баҳор пайдо шуда, ба пушти барги растанӣ тухм (40—200) мегузоранд. Чораҳои муборизa: маҳви алафҳои бегона, истифодаи воситаҳои микробиологӣ (энтобактерин) ва инсектицидҳо.

Баргҳӯраки карам: 1 — тухм; 2 — кирм; 3 — зоча; 4 — шапалак.

БАРДАРА, деҳа дар С. қ. Басиди р-пи Рушони ВАБК. Терр. с-зи «Бартанг». Аз Б. то маркази С. қ. 19 км, то район 104 км, роҳ мошингард. Аҳол. 219 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ.— чорводорӣ, ғаллакорӣ. Сокинони деҳа аз д. Бардара истифода мебаранд.

БАРДИН Иван Павлович (13.11. 1883, деҳаи Широкий Уступи губ. Саратов — 7.1.1960, Москва), металлургиҳои советӣ, акад. АФ СССР (1932), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1945). Ин-ти политехникии Киевро хатм кардааст (1910). С-ҳои 1910—11 дар з-дҳои ШМА, дертар дар з-дҳои металлургии ҷанубӣ Россия кор кардааст. С-ҳои 1929—36 Б. яке аз роҳбарони сохтмони комб. металлургии Кузнецк буд. Директори Ин-ти металлургияи АФ СССР (аз 1939) ва Ин-ти марказии илмӣ-тадқиқотии металлургияи сиёҳ (аз с. 1944, ин-т аз с. 1960 ба номи ӯст). Аз с. 1942 Б. ноиб-президенти АФ СССР. Б. бо масъалаҳои тартиб додани лоиҳаи з-дҳои металлургии пуриқтидори пурра механиконидашуда, ба вуҷуд овардани агрегатҳои типии металлургӣ, интенсивонии процессҳои металлургӣ, аз худ кардани хелҳои нави ашьёи хоми металлургӣ ва истифодаи комплексии онҳо машғул шудааст. Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1942, 1949) ва Мукофоти ленинӣ (1958). Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1—5). Бо 7 ордени Ленин ва инчунин медальҳо мукофотонида шудааст.

БАРДОШТАНИ ДОҒИ СУДӢ, ниг. *Доғи судӣ.*

БАРЕЛЬЕФ (франс. bas-relief — яъне рельефи паст), намуди ҳайкалтарошӣ, ки тасвири барҷаста аз сатҳи замина ба андозаи на зиёдтар аз нисф баландтар аст. Б. ҳамчун санъати тасвирӣ ва наққошӣ барои ороиши биноҳо истифода меша-

вад ва одатан пояи ҳайкалҳо, лавҳаҳои фахрӣ, рӯи медальҳо ва ғ.-ро зинат медиҳад. Пештоқи бинои Совети Вазирони РСС Тоҷ. ва пояи ҳайкали Куйбышев дар назди вокзали роҳи оҳани ш. Душанбе дорои Б. аст. Ниг. низ *Рельеф*.

БАРЕНЦ (Баҳри Баренц), баҳри канории уқ. Яхбастаи Шимолӣ, байни соҳили шим. Европа ва ҷаз-ҳои Вайгач, Шпицберген, Замини Франц Иосиф, Замини Нав ва Хирсон. Дар ҳудуди тунукобаи материкӣ воқеъ гаштааст. Масоҳ. 1405 ҳаз. км². Чуқуриаш 300—400 м, ҷои чуқуртаринаш 600 м. Рельефи қаъри баҳр ноҳамвор, аз пастию баландиҳо иборат. Соҳилҳои баҳр асосан фьордӣ ва баланду шахдор буда, бо халиҷу фьордҳои зиёде бурида шудаанд. Хал-ҳои калонаш: Порсангер-фьорд, Варангер-фьорд, Мотов, Кола ва ғ. 3 халиҷи калони тунукоб дорад: Чёша, Печора, Хайпудыр. Ҷаз-ҳо камаанд, калонтаринаш ҷаз. Колгуев. Иқлими баҳр арктикист, вале аз таъсири ҷараёни гарми уқ. Атлантик — Гольфстрим нармтар мегардад. Ҳарор. миёнаи ҳаво дар февр. аз — 25° С дар Шим. то — 4° С дар Ҷ. Ғ., авг. мувофиқан 0° С ва 10° С. Боришоти солона 250—500 мм. Қисми зиёди баҳр яхпӯш, тобистон каму беш ях об мешавад. Дар ҷан. ғарби баҳр, ба он ҷое, ки ҷараёни обҳои гарми уқ. Атлантик дохил мешавад, ҳарор. қабати болои об дар февр. 3°, 5° С. Шӯрии об дар Шим. 32—33‰, дар Ҷ. Ғ. ҳариб 35‰. Ба Б. д-ҳои калонтарин — Печора ва Индига мерезанд. Дар баҳр аз 114 намуди моҳӣ 20 намудаш (равғанмоҳӣ, пикша, шӯрмоҳӣ, окунь, зубатка, гулмоҳӣ, палтус ва ғ.) шикорбоб аст. Аз ширхорҳо хирси сафед, нерпа, тюлени гренландӣ, белуха вомехӯранд. Соҳилҳои баҳр макони паррандаҳост. Бандари калони Б.— Мурманск (ях намебандад), бандарҳои диг.: Теріберка, Индига, Нарьян-Мар (СССР), Вардё (Норвегия). Б. ба шарафи баҳрпаварди голландӣ В. Баренц чунин ном гирифтааст. Ба омӯзиши илмии баҳр экспедиции Ф. П. Литке ибтидо гузошт (1821—24). Нахустин маълумоти пурраи гидрологиро доир ба Б. дар ибтидои а. 20 Н. М. Книпович додааст.

БАРЗАГОВ, гови нар, маъмулан ахта. Б.-ро барои чуфтронӣ, хирманкӯбӣ, алафкашонӣ ва ғ. истифода мебаранд. Ниг. низ *Ҳайвоноти корӣ*.

БАРЗАХ, минтақаи хушкии борику дарози назди соҳили баҳр ё кӯл, ки як тарафаш ба соҳил пайваст аст (мас.: барзахи Арабат дар б. Азов). Дар натиҷаи мавҷу ҷараёни об аз обовардҳо — рег, шағал, садафаки гӯшмоҳиҳо пайдо мешавад.

«БАРЗУНОМА» برزونامه достони ҳамосиеҷ, ки асосан аз тасвири воқеаҳои марбут ба хонадони Рустам, хусусан корномаҳои Барзуи паҳлавон ба ҳам омадааст. «Б.» ҳам дар шакли манзум ва ҳам мансур мавҷуд аст. Манзумаш дар а-ҳои 11—12 ба вуҷуд омада, бештар аз 30 ҳазор байт дорад. Бо ин бузургӣ нусхаи мавҷудааш ҳам нопурра аст. Шарқшиноси франсавӣ Анкетиль Дюперрон наҳми онро ба Атоӣ ном шоир нисбат додааст. Таҳрири насрии «Б.» ба қалами *Ворас* мансуб аст, ки дар «Баҳр-ут-таворих»-и ӯ дохил аст. *А. Акрамов.*

БА́РИЙ (лот. Barium, аз barýs — вазнин), Ba, элементи химиявии гурӯҳи II-и системаи даврии Менделеев, рақами ат. 56; массаи ат. 137,36; зичиаш 3760 кг/м³; t гуд. 710° С; t ҷӯш 1637—1640° С. Рангаш сафеди нуқратоб. Аз омехтаи 7 изотопи устувор иборат буда, дар байни онҳо ^{138}Ba миқдоран зиёдтар (71,66%) мебошад. Ҳангоми таҷзияи радиоактивии уран ва плутоний изотопи ^{140}Ba ҳосил мешавад. Б. аз рӯи масса 0,05%-и ҳиссаи қишри Заминро ташкил медиҳад. Б.-ро с. 1774 химики швед К. Шееле дар шакли оксиди Б. (BaO) кашф кардааст. Химики англис Г. Дэви с. 1808 дар натиҷаи электролизи гидроксиди Б.-и тар $Ba(OH)_2$ катоди симобиро истифода бурда, Б.-и озодро дар шакли амальгама ҳосил кард. Б. дар минералҳои: барит, церуссит, витерит ва ғ. дучор мешавад. Б. аз ҷиҳати химиявӣ фаъол буда, дар ҳаво оксид мешавад. Аз ҳамин сабаб Б.-ро дар даруни карасин нигоҳ медоранд. Б. бо галогенҳо ва сульфур барин элементҳо бо осонӣ пайваст мешавад ва дар ҳамаи кислотаҳо (ғайр аз H_2SO_4) ҳал мешавад. Б.-ро дар саноати электровакуумӣ барои газҳо (N_2, O_2 ва CO_2)-ро аз найчаҳои электронӣ фурӯкашидан истифода мебаранд. Оксид, пероксид, гидроксид, хлорид, фторид, нитрат, карбонат ва сульфати Б. дар соҳаҳои гуногуни саноат, тиб ва ғ. истифода мешаванд. Намакҳои дар об ҳалшавандаи Б. барои ҳайвон ва одам заҳрноканд. *А. В. Ваҳҳобов.*

БАРИОНҲО́ (юн. barýs — вазнин), зарраҳои элементарии вазнини массаашон на хурдтар аз массаи протон. Ба ин синфи зарраҳо протон, нейтрон, гиперонҳо, антизарраҳои онҳо ва инчунин резонансҳои барионӣ дохил мешаванд. Ҳама Б. спини нимбутун доранд, яъне фермион мебошанд. Онҳо дар ҳама навъҳои таъсири мутақобила: зӯр, сust, электромагнитӣ ва гравитационӣ иштирок мекунанд. Умри аксари Б. бағоят кӯтоҳ (10^{-10}—10^{-14} сон) аст. Аз байни онҳо танҳо протон зарраи устувор мебошад. Нейтрон низ, агар андаруни ядро воқеъ бошад, намекоҳад, вале нейтрони озод пойдор намемонад ва ба протон табдил меёбад. Ҳама Б.-и диг. дар натиҷаи коҳишҳои паёпай ба протонҳо (ё антипротонҳо) ва зарраҳои сабуктар аз онҳо табдил меёбанд.

Муҳимтарин хусусияти Б. ин аст, ки дар натиҷаи коҳиши онҳо ҳатман боз барионҳо ҳосил мешаванд.

Процессҳои пайдоиш ва коҳиши Б. аз рӯи қонуни бақои заряди барионӣ сурат мегирад, ки мувофиқи он заряди барионӣ ё худ адади барионии ҳар гуна системаи сарбаст тағйирнопазир аст. Аз ин қонун чунин бармеояд, ки протон дар натиҷаи коҳиши худ, мас., ба позитрон ва фотон таҷзия шуда наметавонад, нейтрон ба пиони мусбат ва электрон табдил ёфта наметавонад ва ғ. (бо вуҷуди он ки дар натиҷаи ин процессҳо қонунҳои бақои заряди электрикӣ, импульс ва моменти импульс вайрон намешаванд).

Ҳама Б. якҷоя бо мезонҳо адрон ном гирифтаанд. Ниг. низ *Зарраҳои элементарӣ*. *С. Қодирӣ.*

БАРИ́Т, шпати вазнин, минерал, форм. химиявиаш $BaSO_4$. Дар системаи ромбӣ кристалл мебандад. Ба намуди массаи кристаллии яклухт, друза ва агрегатҳои зичи донадор бештар вомехӯрад. Ранги он вобаста ба моддаҳои таркибаш сафед, хокистарӣ, сурх, бӯр ва кабудтоб мешавад. Сахтиаш 3—3,5; зичиаш 4300—4700 кг/м³. Дар конҳои гидротермалӣ бо галенит, сфалерит, халькопирит, флюорит, кварц, кальцит ёфт шуда, ҳамчун кони алоҳида низ дучор мешавад. Дар ҷинсҳои таҳшинӣ ҳамроҳи кальцит, доломит, ангидрит ва ғ. вомехӯрад. Конҳои хурди Б. дар РСС Тоҷ. ёфт шудаанд. Б.-ро дар саноати химия, хӯрокворӣ, коғаз, резин, кулолӣ ва ғ. истифода мебаранд.

БАРКА́УСКАС Антанас Стасевич (тав. 1917), ходими давлатӣ ва партиявии советӣ, номзади илми иқтисодиёт (1959). Аъзои КПСС аз с. 1942. С. 1950 Мактаби олии партиявӣ, 1959 Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ КПСС-ро хатм намуд. С-ҳои 1939—40 дар корхонаи хусусии пойафзол кор кард. С-ҳои 1940—41 коркуни сиёсии Комиссариати халқии корҳои дохилии РСС Литва. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. С-ҳои 1944—59 дар корҳои советӣ, партиявӣ ва педагогӣ, 1959—61 мудири шӯъбаи КМ ПК Литва, 1961—1975 котиби КМ ПК Литва. Аз дек. 1975 Раиси Президиуми Совети Олии РСС Литва, ҷонишини Раиси Президиуми Совети Олии СССР (аз 1976). Аъзои Бюрои КМ ПК Литва. Аъзои Комиссияи Марказии Тафтишотии КПСС (1976). Депутати Совети Олии СССР (даъвати 9).

БАРКЛА́Й-ДЕ-ТО́ЛЛИ Михаил Богданович (1761, губ. Памушисе Лифляндск — 14. 5. 1818, Инстербург, ҳозира Йыгевести РСС Эст.), сарлашкари рус, қаҳрамони Ҷанги ватании 1812, генерал-фельдмаршал (1814).

Аслан шотландӣ. Аз с. 1776 дар хизмати ҳарбӣ. Дар ҷангҳои русҳову туркҳо (1787—91), русҳову шведҳо (1788—90) ва Франция (1806—07) иштирок намуда корнамоӣ кард ва с. 1807 фармондеҳи дивизия шуд. Дар ҷанги русҳову шведҳо (1808—09) фармондеҳи корпус. С-ҳои 1809—10 генерал-губернатори Финляндия. Аз янв. 1810 то сент. 1812 вазири ҳарбӣ. Дар муҳорибаи Бородино ба қаноти рости армияи рус фармондеҳӣ карда, суботкорӣ ва маҳорати худро нишон дод. Сент. 1812 ба сабаби бемориаш аз армияи амалкунанда рафт. Февр. 1813 ба армияи 3-юм фармондеҳ таъин шуд; баъди вафоти М. И. Кутузов (маи 1813) ба армияи русҳою пруссиягиҳо, ки бар зидди Наполеони I муборизо мебурданд, сарфармондеҳӣ кард. Баъди ҷанг ба Россия баргашта боз ба армияи 1-ум фармондеҳ таъин шуд.

БАРЛОСҲО, яке аз қабилаҳои туркнажод. Б. дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ зиста, асосан бо чорводорӣ машғул буданд. Б. дар таъриҳ яке аз халқҳои машҳуранд. Ҳоло асосан дар Ӯзбекистон, қисман дар Тоҷикистон (Регар, Ӯротеппа, Панҷакент), вил. Ӯши Қирғизистон ва Афғонистон зиндагӣ мекунанд. Бо миллатҳои социалистии ӯзбек ва тоҷик омехта шудаанд. Ниг. низ *Ӯзбекҳо*.

БАРМАКИЁН برمکیان хонадони қадими тоҷикон, аслан аз Балх. Аҷдоди Б. дар маъбади буддоии Навбаҳор коҳин ва соҳиби амволи зиёди ғайриманқула буданд. Аз рӯи ривоятҳо, гузаштагони Б. дар давлати *Сосониён* мансаби вазириро ба ӯҳда доштанд. Дайри буддоии Навбаҳор дар ин давра ба оташкада табдил дода шуд. Бармак — исми хос не, балки унвони саркоҳини ин маъбад буд. Ӯ аз фалсафа, илми нучум ва тиб воқиф буд. Дар рӯзгори вай арабҳо Балхро хароб карданд (705). Писараш Холид (705—781/2) дар давраи халифа Саффоҳ (750—754) сардори девони лашкару хироҷ, вазир, с-ҳои 765—769 волии Табаристон буда, дар он ҷо ш. Мансурро бунёд ва дар соҳтмони БаҒдод иштирок намуд. Баъдтар халифа *Мансур* (754—75) Холидро волии Мавсил, писари ӯ Яҳьёро волии Озарбойҷон таъин кард. Яҳьё дар аҳди халифа Маҳдӣ (775—78) муаддиб (парастор)-и писари ӯ — шоҳзода *Ҳорун-ар-Рашид* ва дар айни замон сардори девони рисолати ҳамаи музофотҳои ғарбии хилофат буд. Дар аҳди Ҳорун-ар-Рашид (785—809) вазир шуда, дар зарфи с-ҳои 786—803 ҳукмрони хилофат гардид. Писари калони Яҳьё — Фазл — бародаршири Ҳорун-ар-Рашид ва муаддиби Амин — низ аз намояндагони номдори хонадони Б. ба ҳисоб меравад. Фазл с-ҳои 792/3—796/7 волии Эрони Ғарбӣ ва баъд Хуросон буд. Дар аҳди ӯ дар ноҳияи Балх канали нав гузаронида шуд. Бародараш Ҷаъфар ба халифа Ҳорун-ар-Рашид қаробат дошт ва ҳамчун хаттот, суханвар, ахтаргӯ, шахси бомаърифат дар дарбор соҳиби эътибор буд. Ӯ волии як қатор ноҳияҳои хилофат бошад ҳам, корҳои вилоятро ёрдамчиёнаш анҷом медоданд. Оқибати тақдири Б. фоҷианок буд ва дар таъриҳ бо «Нақбати Б.» маълум аст. Халифа Ҳорун ар-Рашид аз афзудани эътибори Б. ҳаросида 29 янв. 803 намояндаи Б. Ҷаъфарро қатл карда, Яҳьё ва се писари вай — Фазл, Муҳаммад ва Мӯсоро дар ш. Раққа зиндонӣ кард. Онҳо дар он ҷо фавтиданд. Чанде аз хонадони Б. озод буданд. Минбаъд дар таъриҳ ашхоси зиёде бо номи Бармакӣ гузаштаанд. Мас., Абулқосим Аббос ибни Муҳаммади Бармакӣ охири а. 10 вазири Сомониён буда, Ҳасани Бармакӣ дар дарбори Ғазнавиён хизмат мекард. Б. аз илму ҳунари давраи худ ба хубӣ воқиф, аҳли қалам буданд.

Ад.: Низам-ал-Мулк, Сиасет-намэ, М.-Л., 1949; Бартольд В. В., Бармакиды, Соч., т. 6, М., 1966; История таджикского народа, т. 2, кн. 1, М., 1964.
Н. Неъматов.

БАРМИН Владимир Павлович (тав. 17. 3. 1909, Москва), олими советӣ, мутахассиси соҳаи механика ва мошинсозӣ, акад. АФ СССР (1966; аъзокорр. 1958), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1956). Аъзои КПСС аз с. 1944. Аз с. 1931 дар омӯзишгоҳи олии техникии Москва (МВТУ) дарс медиҳад (аз с. 1960 проф.). Оид ба масъалаҳои компрессорсозӣ ва техникаи яхдонҳо асарҳо таълиф кард. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1957) ва Мукофотҳои давлатии СССР (1943, 1967). Бо 5 ордени Ленин ва диг. ордену медалҳо мукофотонида шудааст.

БАРНАӮЛ, шаҳр, маркази кишв. Олтойи РСФСР, дар соҳили чапи д. Обь. Узели р. о. ва истгоҳи киштиҳо. Аҳол. 522 ҳаз. наф. (1977). Б.—марказзи калони саноати мошинсозӣ, химия ва саноати сабуки Сибири Ғарбӣ. Дегҳои буғ (барои станцияи электрикӣ), дизель-моторҳо, дастгоҳҳои металлбурӣ, прессҳои механикӣ, таҷҳизоти радиотехникӣ истеҳсол мекунад. Корхонаҳои таъмири вагон, киштӣ, баржаҳо, ф-каи калони гӯгирд, комб-ҳои резину асбест, нахи сунъӣ, меланж ва бофандагӣ дорад. Саноати хӯрокворӣ (гӯшт, шир, равған, пиво ва ғ.) ривоҷ ёфтааст. Ин-тҳои политехникӣ, х. қ., тиббӣ, педагогӣ, 3 театр, музейҳои кишваршиносӣ ва санъати тасвирӣ мавҷуданд. Дар солҳои 30-юми а. 18 ба вуҷуд омада, с. 1771 ба шаҳр табдил ёфтааст.

БАРОАТИ ИСТЕҲЛӮЛ (ар. براءة استهلال; бароат — санъат, малака, дониш ва истеҳлол—оғоз, сарсухан), дар илми бадеъ яке аз санъатҳои маънавӣ буда, шоир дар матлаи маснавӣ, қасида ё достон калима ва ибораҳоеро меорад, ки хонанда аз чӣ иборат будани маъмуни асарро пешакӣ пай мебарад. Б. и. агар дар ниҳояти устодӣ эҷод шуда бошад, ҳусни ҷозибаи шеърро афзуда, динамикаи онро таъмин мекунад. Ба воситаи он шоир хонандаи худро пешакӣ ба мутолиаи асар тайёр мекунад. Дар назми советии тоҷик низ намунаҳои Б. и. мушоҳида мешавад.

Ад.: Зеҳнӣ Т., Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ, Сталинобод, 1960; ҳамон муаллиф, Санъати сухан, Д., 1967.
С. Давронов.

БАРОБАРӢ дар ҷамъият, муносибати якхела ба олот ва воситаҳои истеҳсолот, истифодаи баробар аз сарватҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, баробарӣ дар ҳуқуқ ва вазифаҳои граждани. Идеали Б. дар замонҳои қадим, баробари ба вуҷуд омадани нобаробарии ичтимоӣ пайдо шудааст. Муборизо дар роҳи Б. дар ҳаракати таъриҳии оммаи меҳнаткашон, алалхусус дар шӯришҳои ғуломон, ҷунбишҳои революционии деҳқонон ва коргарон ифода ёфтааст. Дар таъриҳи халқи тоҷик ва диг. халқҳои Шарқи Наздику Миёна муборизо барои Б.-и ичтимоӣ дар зери ниқоби динӣ, хусусан дар таълимоти *маздакия* ва *қарматия* акс ёфта буд. Маздакия ба нест кардани нобаробарии ичтимоӣ, ба татбиқи Б.-и умумии «худодод» даъват мекард. *Аттор* исрор мекард, ки ҳамаи одамон аз дарвеш то султон дар назди худо баробар буда, аз як гил сиришта шудаанд, аз ин рӯ яке ҳаҚ надорад аз диг. мутеию итоаткориро талаб кунад. Насируддини Тӯсӣ дар *«Ахлоқи Носирӣ»* назарияи ҷамъияти идеалии *Форобиро* идома дода, менависад: «мадинаи ҳуррият ва онро мадинаи ҷамоат хонанд, ичтимое бувад, ки ҳар шахсе дар он ичтимоъ мутлаҚ ва маҳсули он бошад, бо нафси худ он чи хоҳад кунад ва аҳли ин мадина мутасовӣ бошанд, якеро бар дигаре мазиди фазлӣ тасаввур накунанд ва аҳли ин мадина ҷумла аҳрор бошанд ва тафаввуҚ набувад миёни эшон, магар ба сабабе, ки мазиди ҳуррият бувад» («Ахлоқи Носирӣ», Лаҳнав, 1906, саҳ. 425—26). Ҳама одамон озод ва ҳокимон дар хизмати халқанд. Ақидаи Б.-и ичтимоӣ дар эҷодиёти Фирдавсӣ, Хайём, Низомии Ганҷавӣ ва хусусан Абдурраҳмони Ҷомӣ хеле васеъ таргиб мешавад. Вале ақидаи мутафаккирони форс — тоҷик дар бораи Б.-и ичтимоӣ хусусияти хаёлӣ дорад. Ахлоқи *ислом* баробарии одамонро танҳо дар назди

худо эътироф карда, нобаробарии иҷтимоиро қонунӣ ва ҳақ медонад. Аз рӯи таълимоти Қуръон масъалаҳои иҷтимоии ҳаёт набояд диққати диндорони оддиро ҷалб намоянд, зеро ба ҷои онҳо барои ҳалли ин масъалаҳо Оллоҳ фикр меронад (Қуръон, 6, 18). Азалию қонунӣ будани нобаробарии иҷтимоиро муаллифи *«Қобуснома»* низ тарғиб менамояд.

Дар ибтидои пайдоиши сохти капиталистӣ идеяи Б.-и иҷтимоиро *социалистони хаёлӣ* Т. *Мор* ва Т. *Кампанелла* муҳофиза намуда, амалӣ гаштани онро дар нест кардани моликияти хусусӣ медиданд. Вале ин мутафаккирон Б.-ро на аз қонунияти объективии тараққиёти ҷамъият, балки аз амри адолату некӣ медониста нд, ки ин ба назарияҳои онҳо ва диг. намояндагони социализм ва коммунизми томарксистӣ (Ж. С. *Мелье*, Г. *Мабли, Морелли*) обу ранги хаёлӣ ва идеалистӣ медод. Идеяи Б. дар таълимоти *Сен-Симон, Ш. Фурье, Р. Оуэн* боз ҳам инкишоф ёфт. Вале онҳо ҳам норасоии ақидаҳои гузаштагони худро бартараф карда натавонистанд. Идеологҳои капитализми мутараққӣ табиӣ ва қонунӣ будани шаклҳои моликияти буржуазиро ҳимоя карда, мекӯшанд, ки Б.-и одамонро дар назди қонун бо нобаробарии иҷтимоии онҳо омехта кунанд. Буржуазия бо ин баробарии қалбакӣ мекӯшид, ки нобаробарии байни истисморкунандагон ва истисморшавандагонро рӯпӯш намояд. В. И. Ленин моҳияти Б.-и буржуазиро фош намуда, навишта буд: «Демократияи буржуазӣ бо баҳонаи баробарии умуман шахсияти инсонӣ баробарии расмӣ ё юридикии мулкдор ва пролетар, баробарии истисморкунанда ва истисморшавандаро эълон намуда, бо ҳамин, синфҳои мазлумро ниҳоят фиреб медиҳад» (Ас., ҷ. 31, саҳ. 142).

Дар таърихи афкори ҷамъиятӣ фақат марксизм моҳияти Б.-ро аз ҷиҳати илмӣ дуруст маънидод кард. Назарияи марксистӣ-ленинии Б. нобаробарии иҷтимоиро ҳамчун ҳодисаи таърихан гузаранда мефаҳмад. Марксизм-ленинизм таълим медиҳад, ки Б.-и ҳақиқиро танҳо дар асоси нест намудани синфҳои истисморкунанда ва истисморшаванда ва баъд синфҳо умуман барқарор кардан мумкин аст. В. И. Ленин навишта буд: «Баробарӣ, агар ба манфиатҳои озод шудани меҳнат аз асорати капитал мухолиф бошад, фиреб аст... Баробарӣ, агар баробарӣ гуфта нест кардани синфҳо фаҳмида нашавад, ҷумлаи хушку холӣ аст» (Ас., ҷ. 29, саҳ. 382).

Марксизм-ленинизм таълим медиҳад, ки Б.-и иқтисодӣ (соҳаи истеҳсол, тақсим ва истеъмоли сарватҳои моддӣ), сиёсӣ (соҳаи муносибатҳои синфӣ, миллӣ ва баинидавлатӣ) ва маданӣ (соҳаи истеҳсол, тақсим ва истеъмоли сарватҳои маънавӣ) бо нест кардани моликияти хусусӣ ва воситаҳои истеҳсолот ва барҳам додани синфҳои истисморкунанда имконнопазир аст. Ғалабаи социализм дар СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ нишон дод, ки фақат социализм истисмори синфӣ, миллӣ ва иҷтимоиро нест карда, Б.-и иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳамаи гражданҳоро таъмин месозад. Б.-и иҷтимоие, ки дар фазаи якуми коммунизм ба даст дароварда шудааст, заминаи муҳимтарини муттаҳидии сиёсӣ ва маънавии аъзоёни ҷамъият, ёрии ҳамдигарӣ, дӯстӣ ва бародарии онҳост. Вале дар замони социализм, ки зинаи аввали коммунизм аст, Б.-и комили иҷтимоиро таъмин наметавон кард. Ин вазифаи таърихии коммунизм мебошад. Дар Программаи КПСС гуфта шудааст: «Коммунизм сохти бесинфи ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он моликияти ягонаи умумихалқӣ ба воситаҳои истеҳсолот вуҷуд дорад, ҳамаи аъзоёни ҷамъият аз ҷиҳати социалӣ комилан баробаранд». Б.-и коммунистӣ барои инкишофи озодонаи қобилият ва талаботи ҳар як шахс имкониятҳои фаровон муҳайё месозад.

Ад.: Маркс К., Танқиди программаи Гота. Маркс К. ва Энгельс Ф., Ас. мунтахаб, ҷ. 2, Д., 1965; Маркс К., Капитал, т. 1; Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., 2 изд., т. 23; Энгельс Ф., Анти-Дюринг, Д., 1975; Ленин В. И., Ас., ҷ. 29, с. 382; Ленин В. И., Ас., ҷ. 31, с. 142; Программаи Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ, Д., 1962; Булдаков В. П., Равенство сейчас и при коммунизме, Пермь, 1960; Леонтьев Л. А., Проблема равенства в «Капитале» К. Маркса, М., 1960; Курилёв А. К. и Ильяшенко Ф. И., К полному социальному равенству, М., 1965; Диноршоев М., Философия Насириддина Туси, Д., 1968; Мухаммадходжаев А., Мировоззрение Фаридиддина Аттора, Д., 1974.

Р. Исмоилова, А. Шарифов.

БАРОБАРӢ дар мантиқ ва математика, муносибати байни ифодаҳои мантиқ ва математика. Б. фақат он гоҳ дуруст аст, ки ҳарду ифода як предметро фаҳмонанд. Б. аз рӯи се аксиома муайян мешавад: 1) аксиомаи рефлективӣ — $\forall x(x=x)$. Дар ин ҷо аломати $\forall x$ *квантори* умумият буда, аксиома чунин хонда мешавад: «Барои тамоми иксҳо x баробари x аст»; 2) аксиомаи симметрӣ— $\forall x\ \forall y(x=y \rightarrow y=x)$. Дар ин ҷо аломати $\rightarrow$ *импликация* буда, пайвандаки шартии «агар..., пас...»-ро ифода карда, аксиома чунин хонда мешавад: «Агар барои тамоми x-ҳо ва барои тамоми y-ҳо $x=y$ бошад, пас $y=x$ аст»; 3) аксиомаи транзитивӣ (туфайлӣ)— $\forall x\ \forall y\ \forall z[(x=y \wedge y=z) \rightarrow (x=z)]$. Дар ин ҷо аломати $\wedge$ аломати *конъюнкция* буда, пайвандаки «ва»-ро мефаҳмонад. Ин аксиома чунин хонда мешавад: «Агар барои ҳамаи x-ҳо, y-ҳо ва z-ҳо $x=y$ ва $y=z$ бошад, пас $x=z$ аст».

Н. Парпиев.

БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГРАЖДАНҲО, принципи демократие, ки мувофиқи он ҳамаи гражданҳо сарфи назар аз ҷинс, миллат, ирқ, мазҳаб, баромади иҷтимоӣ ё молу мулк барҳуқуқ буда, ӯҳдадории баробарро иҷро мекунанд. Бори аввал идеяи баробарии умумӣ дар муборизаи зидди мутлақият дар а. 18 аз тарафи идеологҳои буржуазӣ ба миён гузошта шуда буд. Дар ҷамъияти буржуазӣ Б. г. дар конституцияҳо, кодексҳо, қонунҳо, дастурҳо бо ҳар гуна баҳонаҳо маҳдуд карда мешавад. Дар СССР Б. г. сарфи назар аз миллат ва нажоди онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагӣ, давлатӣ, маданӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ қонуни тағьирнопазир аст. Агар ба нажод ва миллат нигоҳ карда, ҳуқуқи гражданҳо андако ҳам бошад, рӯйрост ё бо роҳҳои диг. маҳдуд карда шавад, ё баръакс, ба гражданҳо рӯйрост ё бо роҳҳои диг. имтиёзҳо муқаррар карда шавад, инчунин агар ҳар гуна истисно ё адоват ва беэътиноии нажодӣ ё миллӣ таблиғ шавад, қонун ҷазо медиҳад (мод. 36 Конституцияи СССР).

БАРОГРАФ (юн. baros — вазн ва grapho — менависам), асбоби худнавис барои сабти муттасили фишори атмосфера. Дар станцияҳои метеорологӣ ва аэростату самолёт барои муайян кардани баландӣ (аз рӯи таъсири фишор) истифода мешавад.

«БАРОИ АДАБИЁТИ СОЦИАЛИСТӢ» («БАС»), журнали ҳармоҳаи адабии нависандагони Тоҷикистон, ки аз авг. 1932 то окт. 1937 мебаромад. Нашри «БАС» мувофиқи қарори КМ ВКП(б) аз 23 апр. 1932 «Дар бораи азнавсозии ташкилотҳои адабиётӣ» ба роҳ монда шуд. Барои нашри «БАС» журнали *«Раҳбари донишҷу»* (1927—32) замина ба вуҷуд оварда буд. Шумораи якуми «БАС» 1 авг. 1932 аз чоп баромад, ки дар ҳайати таҳририяи он аз адибони тоҷик А. Лоҳутӣ, С. Айнӣ, С. Улуғзода, Б. Азизӣ, Р. Абдулло ва диг. дохил буданд. Дар шумораи нахустини «БАС» қарори мазкури КМ ВКП(б) дарҷ шуда буд. Инчунин дар ҳамон шумора манзумаи П. Сулаймонӣ «Ба милитаристони Японія», мақолаи Ғ. Абдулло «Барои танқиди большевикона» ва шеъру мақолаҳои диг. нависандагони тоҷик чоп шуда буданд. «БАС» аз с. 1938 унвони *«Шарқи сурх»*-ро гирифт. «БАС»— барои инкишофи адабиёти советии тоҷик, муттаҳид намудани адибони республика воситаи муҳим гардид.

С. Давронов.

«БАРОИ КОЛЛЕКТИВӢ», газета, органи КМ ПК(б) Тоҷ. ва Комитети Марказии иттифоқи камбағалони Тоҷикистон. Газета аз с. 1930 то 1934 ҳафтае 5 бор бо тиражи 10300 нусха ба забони тоҷикӣ чоп мешуд. С. 1934 чопаш қатъ гардид.

«БАРОИ КОЛЛЕКТИВӢ ВА КАМСАВОДОН», газета, органи Комиссариати зироат ва «Колхозцентр»-и Тоҷикистон. Газета аз янв. 1932 моҳе 6 маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешуд. С. 1932 чопаш қатъ гардид.

«БАРОИ КОЛХОЗИ БОЛЬШЕВИКӢ», ниг. *«Байраҳи ленинизм»*.

«БАРОИ КОЛХОЗИ КОММУНИСТӢ», ниг. *«Коммунисти Шӯрообод»*.

«БАРОИ КОММУНИЗМ», газета, органи Комитети райони ПК Тоҷ. ва Комитети ичрояи Совети депутатҳои меҳнаткашони р-ни Совет. Газета аз с. 1935 бо тиражи 2600 нусха ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ҳафтае се бор чоп мешуд. Аввал «Ҳосил учун» ном дошт. Аз 1 июль то 21 авг. 1957 ба он «Совет ҳақиқати» ном доданд ва аз № 64 (1192) боз номаш «Ҳосил учун» шуд. Аз с. 1959 то 1969 чопи он қатъ гашт. Аз 1 янв. 1970 газета бо унвони «Б. к.» аз нав чоп шуд. Янв. 1975 чопи он қатъ гашт.

«БАРОИ НАҚЛИЁТИ СОЦИАЛИСТӢ», газета, органи Иттифоқи марказии коргарони сохтмони роҳи сангфарш, Комитети ҷамъияти иттифоқи касабаи ронандагон ва Совети марказии роҳи автомобили Тоҷикистон. С-ҳои 1934—35 ҳафтае ду бор бо тиражи 1000 нусха ба забони тоҷикӣ чоп мешуд. Дар саҳифаҳои он оид ба роҳсозӣ ва нақлиёт маълумотҳо дарҷ мешуданд. С. 1935 чопаш қатъ гардид.

БАРОКА́МЕРА (аз юн. báros—вазн ва camera — ҳуҷра), камераи ба тавр герметӣ маҳкамшавандае, ки дар он фишори паст (Б.-и вакуумӣ) ё баланди (Б.-и компрессионӣ) ҳаво фароҳам оварда мешавад. Б.-и фишори паст, ки дар он фишорро аз 10^5 то 10 Па (аз 1 атм. то 10^{-4} атм.) тағйир додан мумкин аст, бештар маъмул мебошад. Б.-ҳое, ки дар онҳо дар баробари фишор ҳароратро ҳам тағйир додан мумкин аст, термобарокамера ном доранд. Б. дар биологияи амалӣ, тибби авиациониву кайҳонӣ (машқ додани лётчикҳову кайҳоннавардҳо), дар пешгирӣ ва муолиҷаи баъзе беморӣҳо (мас., *оксигенацияи гипербарӣ* ҳангоми асфиксияи навзодҳо, ҳолатҳои гипоксӣ, сироятҳои анаэробӣ ва г.) ва диг. соҳаҳои илму техника васеъ ба кор меравад.

БАРО́ККО (итал. baroccо — бошукӯҳ), услуби асосии санъати тасвирӣ, меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ, ки нимаи 2 а. 16 дар Европа пайдо шудааст. А. 17 ва нимаи аввали а. 18 дар Италия, Испания, Франция ва Германия инкишоф ёфтааст. Б. дар заминаи маданияти дворянӣ ба ҷои санъати давраи Эҳьё паҳн шудааст. Санъати Б. мураккаб ва мухталиф буд ва назарияҳиёни он зебоиро категорияи идеалӣ дониста, ба дараҷаи баланд бардоштаанд. Дар Б. идеяҳои инсонпарварӣ ва тасаввуроти пешқадами давраи Эҳьё ва санъати готика то дараҷае нигоҳ дошта шудаанд. Б. беш аз ҳама дар санъати меъморӣ ҷорӣ шуд. Бо ин услуб қасрҳои калону бошукӯҳ, ибодатхонаҳо, кӯчаву хиёбонҳо ва ансамбльҳои майдону боғҳо сохта мешуданд, ки бо меъмории мураккаб, бузургӣ ва ҳашамати ҳуд фарқ мекарданд. Ин услуб бештар дар меъмории ибодатхонаҳо бо мақсади нишон додани иқтидори онҳо (мас., Ибодатхонаи ҳазрати Пётр ва ибодатхонаи Сант Андреаль Квириале, меъмор Л. Бернини, ш. Рим), истифода шудааст. Дохили биноҳои бошукӯҳи бо услуби меъмории Б. биноёфта бо расмҳои калон, ҳайкалҳои зебо, сутунҳои кандакорӣ, ойна, навиштаҷот, нақшу нигорҳои рангоранг оро дода шудаанд, ки композицияи мураккабро ташкил мекунанд. Дар Италия ансамбльҳои бо услуби Б. сохтаи К. Мадерня, Л. Бернини ва Ф. Барромини хеле машҳуранд. Ба санъати Б. идеализацияи образҳо, иғроқ, ба ҳам омехтани санъати реаливу фантастикӣ, тасвироти ҳаяҷоновари расму русум ва ҳадиси динӣ хос аст. Б. дар нимаи а. 19 ба адабиёт ва аввали а. 20 ба мусиқӣ низ таъсир расонд. Дар Россия бо услуби Б. асарҳо офарида шуданд, ки дар онҳо шараф ва ифтихори халқи рус ифода ёфтаанд. Хусусияти асосии санъати тасвирии рассомони рус — муроҷиат ба образи одами эҷодкор мебошад. Қаср ва ансамбльҳои бо услуби Б. сохтаи меъморони рус В. В. Растрелли, Д. В. Ухтомский дар Ленинград ва атрофи он нигоҳ дошта шудаанд.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 432—433.

БАРОМАДА́НИ УСТУХО́Н, беҷошавии нӯкҳои мафсилии (бандташкилкунандаи) устухонҳо ва маҳдуд гардидани ҳаракати фаъол ва нофаъоли бандҳо. Б. у. пурра ва нопурра мешавад. Ҳангоми пурра баромадани устухон нӯки устухонҳо аз якдигар тамоман ҷудо мешаванд; ҳангоми нопурра баромадани устухон нӯки онҳо ба ҳамдигар андак расида меистанд. Б. у. модарзодӣ, одатӣ, зарбулатӣ ва касолатӣ (маразӣ) мешавад. Сабаби модарзодии Б. у. номукаммал инкишоф ёфтани бандҳо мебошад ва бештар дар банди коси духтарон вомехӯрад. Устухонбароии зарбулатӣ аз ҷунбиши беҷои бандҳо, устухонбароии одатӣ асосан дар натиҷаи сустшавии риботи мафсил; устухонбароии касолатӣ ҳангоми касалиҳое, ки мафсили устухонҳоро хароб мекунанд (сили устухон, илтиҳоби сироятӣ ва г.) рӯй медиҳад.

Муолиҷа: ҷо ба ҷо кардани устухони баромада, гаҷбандӣ, амали ҷарроҳӣ.

БАРО́МЕТР (юн. báros — вазн ва metreo — чен мекунам), асбобест барои чен кардани фишори атмосферӣ. Бештар Б.-и симобӣ, ки дар асоси қонуни мувозинати фишори атмосфера ва вазни сутуни моеот, термобарометр (ё гипсотермометр), ки аз рӯи ҳарорати ҷӯшиши моеот, *анероид*, ки дар асоси хосияти чандирии ҷисмҳои сахт ва Б.-и газӣ, ки дар асоси хосияти чандирии газҳо амал мекунанд, маъмуланд. Дақиқтарини онҳо Б.-и симобист, ки дар станцияҳои метеорологӣ чун эталон истифода мешавад; аз найчаи шишагини яксӯроҳа иборат аст, ки такрибан 1 м дарозӣ дорад. Найчаро бо симоб пур карда, нӯки кушоди онро ба зарфи симобдор (коса) меғӯтонанд. Симоби найча то бо фишори атмосферӣ баробар шудан ба коса мерезад. Дар қисми болоии найчаи симобдор мухаллои Торичелли ҳосил мешавад ва баландии сутуни симоб фишори атмосфераро (ба ҳис. мм) нишон медиҳад. Б.-ро ба намуди *зарфҳои марбут* низ месозанд. Дар ин гуна Б. фишор аз рӯи фарқи баландиҳои сутуни симобии зарфҳо муайян карда мешавад.

БА́РОН (лот. baro — инсон, мард), дар Европаи Ғарбӣ дар асрҳои миёна вассали шоҳ ё феодали калон, баъдтар рутбаи дворянӣ. Дар Англия унвони аъзоёни палатаи лордҳо ва авлоди онҳо. Дар Франция ва Германия унвони Б. аз граф, дар Англия аз виконт пасттар аст. Дар Россия унвони Б.-ро Пётри I барои табақаи дворянҳои немиси назди Балтика ҷорӣ намуд. Бо декрети КИМ Умумиросия ва Совети Комиссарони Халқ 24 нояб. 1917 унвони Б. дар мамлакати мо бекор карда шуд.

БАРО́Т (ар. براة), шаҳодатномаи озодӣ ва бахшоиш, гувоҳномаи шоҳ ё хон; 1) чунин шаҳодатнома барои аз ягон андоз озод кардани шахс ба ӯ дода мешуд. Ҳамчунин, гувоҳнома масъулияти касро барои ситондани андоз далолат менамуд. Ин қабил ашхосро давотдор меномиданд. Дар Б. ном, мансаб, вазифа ва сабаби додани он зикр меёфт. Салоҳияти Б. бо нишон ва мӯҳри давлатӣ тасдиқ карда мешуд. 2) Мувофиқи солшумории ҳичрӣ моҳи ҳаштум (шаъбон).

БАРОТБЕ́КОВ Юлдошбек (1890, Уротеппа — 1969, ҳамон ҷо), нақкош ва кандакори советии тоҷик. Аъзои ИР Тоҷикистон, Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. (1946). Ҳаёт ва фаъолияти Б. дар Уротеппа гузаштааст. Устодони аввалини ӯ Рауфи Нақкош (Рауфи Шайтон) ва кандакор Ашӯр Ғафуров (Ашӯри Фаранғӣ) буданд.

Иштирокчии Выставкаи байналхалқӣ дар Париж (1936), даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва (1941, 1957). Ӯ саҳф ва дарҳои кандакории павильони «Тоҷикистон»-ро дар НКХХ (1938), дарвозаи кандакории музеи ба номи Рӯдакиро дар Панҷакент (1959) ороиш додааст. Барои эҷодиёти Б. услуби гулпартоии мавзуну мутаносиб ва кандакории чуқур хос аст. Нақшҳои кандакории ӯро себаргаю панҷбаргаҳо, гиреҳҳои дилшакл, эмблемаҳои муосир (досу болға, герб, ситораи панҷгӯша ва г.) оро

медиҳанд. Б. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 5). Бо ордени Ленин, ордени «Нишони Фахрӣ» ва Грамотаҳои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 384—385.

М. Рӯзиев.

БАРОТОВ Абдуҳомид (тав. 17. 4. 1910, Хуҷанд, Ленинободи ҳозира), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948).

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). С-ҳои 1931—70 колхозчӣ, сардори звенои к-зи ба номи Фрунзе, обмони к-зи «40-солагии Октябрь»-и р-ни Хуҷанд ва аз с. 1970 нафақахӯри шахсӣ. Звенои Б. с-ҳои 1946—47 ҳосили фаровони пахтаи маҳиннах рӯёнд. Б. бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БАРОТОВ Рауф Баротович (тав. 10. 10. 1921, С. қ. Пулодони р-ни Конибодом), геологи советӣ, акад. АФ РСС Тоҷ. (1968; аъзо-корр. 1953), доктори илмҳои геологияю минералогия, проф. Ун-ти давлатии Тоҷикистон (1967). Аъзои КПСС аз с. 1949. Директори Ин-ти геологияи АФ РСС Тоҷ. (аз 1953). Акад.-котиби шӯъбаи фанҳои физикаю математика ва геологияю химия (1959—76). Ноиб-президенти АФ РСС Тоҷ. (аз дек. 1976). С. 1945 фак-ти геологияи Ун-ти давлатии Осиёи Миёнаро хатм кардааст. Б. мутахассиси намоёни соҳаи геология, петрология ва металлогенияи Тоҷикистон. Бештар аз 120 кори илмиаш чоп шудааст. Бо роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи Б. схемаи пайдоиши комплексҳои магмавии Тоҷикистон кор карда, петрологияи онҳо омӯхта шудааст. Б. схемаи муфассали ноҳиябандии металлогении Тоҷикистони Марказиро пешниҳод карда, барои ҷустуҷӯи кони металлҳои нодир тавсияи амалӣ додааст. Б.— яке аз ташкилотчиёни фаъоли илми геология дар республика. Вай аъзои Комитети миллии геологҳои СССР ва як қатор шӯроҳои илмии мамлакат, раиси Комиссияи петрографияи Тоҷикистон ва Шӯъбаи тоҷикистонии ҷамъияти минералогҳои умумиттифоқ. Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ., лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1970). Бо 2 ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Интрузивные формации Южно-Варзобского гранитоидного массива, Сталинабад, 1949; Интрузивные комплексы южного склона Гиссарского хребта и связанное с ними оруденение, Д., 1966; Вулканические трубки взрыва и некоторые особенности глубинного строения Южного Гиссара, Д., 1970 (бо ҳамроҳии Кухтиков М. М., Мушкин И. В., Брейвинская В. М. ва Кутенец В. А.); Дацит-липаритовая формация Южного Гиссара, Д., 1973 (бо ҳамроҳии Горецкая Е. Н. ва Щукин С. И.).

БАРОТОВ Холбобо (1906—1959, деҳаи Селбури р-ни Ҳисор), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1956). Аъзои КПСС аз с. 1929. С-ҳои 1921—28 подабон, 1929—42 колхозчӣ, ҳисобчӣ ва мудири участка, 1943—48 раиси к-зи «Ленинград»-и районі Шаҳринав (ҳоло Ҳисор), 1949—51 раиси С. қ. Қадди Ҷӯйбор ва 1952—59 раиси к-зи «Ленинград»-и р-ни Ҳисор буд. Б. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 3). Бо ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БАРОТОВА Муқаддас (1909, Регар — 1950, С. қ. Пахтаободи р-ни Регар), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). С-ҳои 1934—50 колхозчӣ, сардори звенои к-зи ба номи Крупскаяи р-ни Пахтаобод (ҳоло Регар) буд. Звенои Б. с-ҳои 1946—47 ҳосили баланди пахта рӯёндааст. Б. бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БАРОТОВИТ, минерал аз гурӯҳи силикатҳои титандор. Форм. химиявиаш $KLiCa_8TiSi_{12}O_{37}F$. Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ; кристаллҳояш квадратшакли тунук (то 5×2×0,5 см) ва пулакчамонанд. Садафранг. Сахтиаш 3,5, мӯрт, зичиаш 2920 кг/м³. Б. дар рагҳои пегматитии кварц, альбит, эгириндор ва сиенитҳои альбититдоршуда вомехӯрад. Б.-ро с. 1975 геологҳои тоҷик — В. Д. Дӯстматов, Е. И. Семёнов, А. П. Хомяков, А. В. Быкова ва Н. Х. Ҷаъфаров дар массиви сиенитҳои ишқории Дараи Пиёз (р-ни Ғарми РСС Тоҷ.) кашф карда, ба он номи петрографи намоён, акад. АФ РСС Тоҷ. Р. Б. Баротовро додааанд.

Ад.: Записки Всесоюзного минералогического общества, в. 5, Л., 1975.

БАРОҚХОН برات خان Наврӯз Аҳмадхон (с. тав. номаълум—ваф. 1556), ҳокими Тошкент аз сулолаи Шайбониён. Б. а. 16 аз муборизаи байни феодалони хонии Бухоро истифода бурда, Мовароуннаҳрро тобеъ, Бухоро (1540) ва Самарқандро (1551) забт намуд. Б. бо номи Наврӯз Аҳмадхон с-ҳои 1551—56 дар Мовароуннаҳр ҳукмронӣ кард. Бо номи худ пул сикка зад. Дар Тошкент мадраса сохт. Ниг. *Мадрасаи Бароқхон.*

БАРОҶ, деҳа дар С. қ. Октябрь, р-ни Шуғнони ВАБК. Дар водии Шохдара, дар сари роҳи мошингарди Хоруғ — Роштқалъа воқеъ аст. Аз Б. то маркази район 39 км. Аҳол. 177 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ дорад (фил. мактаби миёнаи деҳаи Видоҷ). Аҳолӣ бо ғаллакорӣ (гандум, ҷав), чорводорӣ машғул аст. Заминҳо аз шохоби д. Шохдара ва чашмаҳои Бароҷ обёрӣ мешаванд.

БАРРА, насли то 3—4-моҳаи гӯсфанд ва оҳу. Гӯсфанди муқаррарӣ 1—2 ва гӯсфанди зоти романовӣ то 4—6 сар Б. мезояд. Вазни Б.-ҳои навзод 1,5—7,8 кг. Б.-ҳо 3—4 моҳ мемаканд. Ба Б.-ҳои 15—16-рӯза 30—50 ва 2-моҳа то 200 г (дар як шабонарӯз) коҳу ярма ва алаф медиҳанд. Б.-ҳои зоти гӯсфанди қарокӯлиро дар 2—3-рӯзагӣ барои пӯст мекушанд.

БАРРАНКИЛЬЯ (Barranquilla), шаҳр, бандари калони дарьёӣ ва баҳрӣ дар Колумбия, дар наздикии резишгоҳи д. Магдалена. Маркази маъмурии департаменти Атлантико. Аҳол. 671 ҳаз. наф. (1971). Маркази муҳими савдою саноат. Соҳаҳои саноаташ: бофандагӣ, хӯрокворӣ (корхонаҳои ордкашӣ, тамоку ва ғ.), химия, цемент, металлургия, коркарди металл. Аз Б. қаҳва, чарм, маҳсулоти нефть экспорт мешавад. Аэропорт дорад. Б. с. 1629 буньёд ёфтааст.

БАРСЕМ, деҳа дар С. қ. Сучони р-ни Шуғнони ВАБК, дар соҳили рости д. Ғунд ва сари роҳи автомобильгарди Ӯш — Хоруғ. Терр. с-зи «Ватан». Аз Б. то маркази С. қ. 1 км, то район 25 км. Аҳол. 874 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа дорои мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббист. Аҳолӣ бо чорводорӣ, боғдорӣ ва ғаллакорӣ машғул аст. Заминҳо аз д. Ғунд обёрӣ мешаванд.

БАРСОМ, ниг. *Плеврит.*

БАРТАНГ, дарьё дар Помир (ВАБК), шохоби рости д. Панҷ. Саргаҳаш дар Афғонистон (37 км). Болообаш Оқсу (то д. Оқбайтал), миёнаобаш Мурғоб (то д. Ғудара) ном дошта, баъди ҳамроҳ шудани д. Мурғоб номи Б.-ро мегирад. Дарозии Б.— Мурғоб — Оқсу 528 км (худи Б. 126 км). Масоҳ. ҳавзааш 24 700 км². Шохобҳои калонаш: Сулистиқ, Оқбайтал, Пшарти Ғарбӣ, Катта-Марҷанай, Лангар, Ғудара. Б. дар водии чуқур тамоми Помирро аз Ш. ба Ғ. бурида мегузарад. Манбааш—пирьяху барф. Даврои сероби аз охири апр. то нимаи нояб. Сарфи миёнаи оби солона дар резишгоҳ 129 м³/сон, зиёдтаринаш — 624 м³/сон; зимистон 65—75 м³/сон. Дар Б. 2 ГЭС сохта шудааст (дар Мурғоб ва Шуҷанд).

БАРТАНГ, дара дар Помири Ғарбӣ, байни қ-кӯҳҳои Язгулом ва Рушон. Ба самти Шим. Ш. 126 км тӯл

кашидааст; аз он д. Бартанг ҷорист. Сохти дара ассиметрӣ — нишебаҳои росташ кӯтоҳу шахдор, чапаш — нисбатан дароз. Баландии мутлақи қаъри дара 2000—2500 м; баландии нисбии кӯҳҳо 3000—3500 м, баландии мутлақи қуллаҳо 6000—6500 м. Теғаҳои кӯҳ пирьяҳҳои зиёд дорад ва макони барфҳои доимист. Дар нишебаҳои дара суфаҳои қадими дарьёӣ боқӣ мондаанд. Иқлими Б. тобистон гарми мӯътадил, зимистон сарди сербарф. Ҳарор. миёнаи янв. —5, —9° С, июль 19—23°С. Боришоти солона то 200 мм. Дар соҳилҳои дарьё ва суфаҳои он дарахту буттаҳои тӯс, сафедор, ангат, дар деҳот зардолу, себ, олу, нок меруянд. Б. дараи камаҳолӣ. Маҳалҳои калони аҳолинишини дара: Савноб, Нусур, Рошорв, Басид, Разуҷ, Бартанг (Сипонҷ), Ҳичез, Шуҷанд. Роҳҳои дара санглох ва хеле мушкилгузар. Аз водии Кӯҳдара то Савноб ва аз резишгоҳи дарьё то деҳаи Бартанг роҳи мошингард ҳаст. Ҳаракати нақлиёт фақат тобистон имконпазир аст. *Ю. С. Усков.*

БАРТАНГИҲО́, халқияти помирӣ, ниг. *Халқҳои Помир.*

БАРТАРӢИ ҚОНӮНИ УМУМИИТТИФОҚӢ, мувофиқи Конституцияи СССР агар дар байни Қонуни республикаи иттифоқӣ ва Қонуни умумииттифоқӣ фарқ бошад, Қонуни СССР амал мекунад (мод. 74 Конституцияи СССР). Агар қонунҳои республикаҳои иттифоқие, ки дар ҳайати худ республикаи автономӣ доранд, бо қонунҳои республикаҳои автономӣ мувофиқ наоянд, дар он сурат қонунҳои республикаҳои умумииттифоқӣ амал мекунанд. Б. қ. у. барои таъмини ягонагии қонуният дар тамоми терр. СССР яке аз шартҳои муҳим мебошад. *С. Раҷабов.*

БА́РТОЛЬД Василий Владимирович (15. 11. 1869, Петербург — 19. 8. 1930, Ленинград), шарқшиноси советӣ, академик (1913).

С. 1891 фак-ти забонҳои Шарқи Ун-ти Петербургро хатм кард. Приват-доцент (аз с. 1896) ва проф. (аз с. 1901) ҳамин донишкада. Нахустин мақолаи илмии ӯ «Дар бораи дини насрониии Осиёи Миёна» (1889) аз тарафи шӯъбаи шарқшиносии Ун-ти Петербург бо медали нуқра мукофотонида шуд. Б. с-ҳои 1893—94, 1902, 1906, 1920 ва 1925 ба бисьёр шаҳрҳои таъриҳии Осиёи Миёна сафар карда, аз архиву китобхонаҳо ва аз шахсони алоҳида сарчашмаҳо ҷамъ кард. Вай барои навиштани таъриҳи халқҳои Осиёи Миёна дар архиву китобхонаҳои Миср, Туркия, Англия, Франция, Германия, Америка, Булғория, Финляндия, Италия ва г. низ кор кард. Зиёда аз 700 асар навишт, ки аксарияти онҳо ба таъриҳи халқҳои Осиёи Миёна бахшида шудаанд. Дар тадқиқи археология, этнография, нумизматика ва эпиграфикаи Осиёи Миёна низ ҳиссаи сазовор гузошт. Аксари асарҳои Б. монанди: «Туркистон дар давраи тохтутози мугулҳо» (қ. 1—2, с-ҳои 1898—1900), «Тафсири таъриҳию географии Эрон» (1903), «Доир ба таъриҳи обьёрии Туркистон» (1914), «Улуғбек ва давраи вай» (1918) ва г. то имрӯз қимати баланди илмӣ доранд. Пас аз революция Б. тамоми ҳаёту фаъолияти худро ба манфиати халқ, тараққиёти илм ва тарбияи зиёёни нави советӣ бахшид. Баъд аз тақсими ҳудуди миллии республикаҳои Осиёи Миёна (1924) якчанд асар навишт: «Тоҷикон» (1925), «Қирғизҳо» (1924), «Очерки таъриҳии туркманҳо» (1929). Дар корҳои навсозии АФ СССР, таъсиси Ун-ти Осиёи Миёна дар Тошкент фаъолона иштирок кард. Б. проф. Ин-ти шарқшиносии Москваю Ленинград, Ун-ти Осиёи Миёна ва диг. донишкадаҳои СССР буд. Б. раиси доимии Коллегияи шарқшиносии Академияи фанҳо, ҷонишини раиси Академияи таъриҳи маданияти моддии Россия, раиси Экспедицияи этнологии Осиёи Миёна, аъзои Совети илмии Экспедицияи Помир ва г. буд. Дар ташкили музейҳо, китобхонаҳои шарқшиносӣ, ҷамъоварии дастхатҳои шарқӣ хизмати шоён кардааст.

Ас.: Соч., т. 1—9, М., 1963—77.

Ад.: Акрамов Н. М., Академик В. В. Бартольд, Д., 1976. *Н. Акрамов.*

БАРФ, боришоти атмосферии сахте, ки аз абрҳо ба намуди резабарф ва кристаллҳои барфин меафтад. Резабарфҳо дар натиҷаи афзудан ё ба ҳам часпидани кристаллҳои барфин ҳосил мешаванд. Шакл ва андозаҳои резабарф асосан ду хеланд: лавҳашакл (диаметри миёнааш 0,3—1,9 мм) ва милашакл (дарозии миёнааш 0,5—0,8 мм). Дар ҳавои сокин ва ҳавои дорои ҳарор. тақрибан 0°С резабарфҳо ба ҳам часпида, диаметрашон то 10 см ва зиёдтар мешавад. Массаи миёнаи резабарф аз 0,0001 то 0,003 г, массаи барфаки лаклакӣ то 0,2—0,5 г мерасад. Ниг. низ *Боришот.*

БАРФТӮДАКУНА́К, олати х. қ. барои тӯда ва шибба кардани барф. Дар заминҳои ғаллакорӣ (асосан қисми европоии СССР ва РСС Қаз.) барои

захираи намӣ кор мефармоянд. Қисмҳои кории Б.: хокгардони рост (1), пуштагири рост (2), болори ақиб (3), пуштагири чап (4), болори пеш (5), хокгардони чап (6), ядак (7). Хокгардон қабати барфро бурида тӯда ва шибба мекунад. Б. олати овеза буда, ба трактор агрегатонида мешавад. Паҳноии коркардаш 2,6 м, маҳсулноиаш ба 10 га/соат баробар аст.

БАРФӢ, маросими мавсимиест, ки боридани барфи аввалро таъкид мекард ва бо оростани маъракае меанҷомид. Б. ва барфинависӣ аз замонҳои қадим дар байни тоҷикон маълум ва ба муҳити иқтисодиву табиӣ вобаста буд. Ҳар як ҳодисаи нобоб мабдаи зишт — Аҳриман дониста мешуд. Боридани барфи бемаҳалро шӯри Аҳриман меиндоштанд. Барои пешгирии нохушӣ маросиме ороста, бо гуфтору рафторҳо аз он амонӣ меҷустанд. Шахси Б. оварда фиристодаи Аҳриман ҳисоб меёфт ва ҳар кас мекӯшид, ки Б.-ро бой надиҳад. Дар сурати дастгир намудани барфибиёр рӯи ӯро бо сиёҳӣ олуда, ба хар чаппа савор мекарданд ва мавриди масхара қарор медоданд. Бо гузашти айём мардум аҳамияти барфу намии зимистонро чун омили фаровонии ҳосил пай бурда, ба шарафи барфи аввалин «Б.» менавиштанд ва ба дӯстону ҳарифони худ равона карда, бо он изҳори ҳазлу хушнудӣ менамуданд. Аз ин рӯ, Б. хусусияти мифологии худро гум карда ба маросими дилхушӣ табдил ёфт. Б. бо насру назм иншо мешавад. Маълумотҳо паёми барфӣ чунин аст:

Барф меборад мусалсал аз ҳаво,
Барфи нав аз мову «барфӣ» аз шумо.
Реза-реза барф меборад сафед,
Як зиёфат аз шумо дорем умед.
Сандалиро гарм созед аз алав,
Ширбиринчу шӯлаву оши палав.
Нонҳои кунҷитини қуббадор.
Себу ангури дилафрӯзу анор.
Ҳофизи хушхону танбӯру дутор,
Ною ғиҷҷак, ҷурраҳои беғубор.
Руставу лавзу мураббою набот,
Писта ву бодому қанду қандалот.

Паёми Б.-ро кас мебоист ба тарзе ба дасти ҳарифаш супорад, ки ӯ аз мақсади барфибиёр огоҳ нашавад. Бо пеш гирифтани роҳи фирор бо ишорате мефаҳмонад, ки ҳарифро ба барфибозӣ даъват кардааст ва ҳариф аз паи дастгир кардани барфибиёр мешавад. Агар ӯро то манзил ва ё ҷои исташ дастгир кунад, бозиро мебарад, агар натавонад, бозиро бохта, дархостҳои Б.-ро муҳайё месозад. Дар гузашта баъзан намояндаи як деҳа ба деҳаи дигар аспакӣ «Б.» меовард. Баъди супоридани Б. ӯро бо аспҳо таъқиб менамуданд, ки пойгаҳ ва манзараи завқовари спортӣ ба вуқӯъ меомад. *Р. Аҳмадов.*

БАРХУРДО́Р برخردار ибни Маҳмуди Туркмони Фароҳӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), аз насрнависони маъруфи а. 17. Бо тахаллуси Мумтоз шеър ҳам сурудааст. Баъд аз таҳсили илм дар Фароҳ ба ш-ҳои Марву Исфаҳон рафта, дар дарбори Аслонхон ва Ҳасанқулихон вазифаи мунши ва сармунширо ичро кардааст. Вай дар маҳфилҳои адабии Исфаҳон иштирок карда, ҳамчун насрнависи боистеъ-

дод ном баровард. «Маҳфилоро» маҳсули ҳамин давраи эҷодиёти ӯст. Ба ш-ҳои Ҳирот, Машҳад, Дарун ва Хабушон рафта чанд муддат дар дарбори Манучеҳрхон вазифаи мунширо адо кард. Ҳангоми ҳуҷуми хонҳои курд ва қипчоқ ба дасти ғоратгарон афтода талаву тороҷ дид ва дастнависи «Маҳфилоро» нобуд гардид. Пас аз ин Б. чанд муддат дар Хабушон зиндагӣ карда, бо ташвиқи дӯстонаш «Маҳфилоро»-ро аз нав таҳрир карда ба он «Маҳбуб-ул-қулуб» ном дод. Сипас, ба Фароҳ баргашта, дар ибтидои а. 18 вафот кардааст. Аз мероси адабии Б. фақат «Маҳбуб-ул-қулуб» боқӣ мондааст. «Маҳбуб-ул-қулуб» асаре дар панду ахлоқ буда, дар зимни ҳикоёту қиссаҳои дилнишин зиндагию ахлоқи намояндагони табақоти мухталифи ҷамъият акс ёфтааст.

Ас.: Мирзо Бархурдори Фароҳӣ, Маҳбуб-ул-қулуб, к. 1, «Дониш», Д., 1965.

Ад.: میرزا محمد طاهر، تذکرهٔ نصرآبادی، تهران، ۱۳۱۷ ه. ش.

А. Зуҳуриддинов.

БАРШОР, чашма дар р-ни Шуғнони ВАБК. Дар соҳили рости д. Панҷ, 71 км ҷанубтари ш. Хоруғ, дар баландии 2280 м аз с. б. воқеъ аст. Дар таркиби обаш ионҳои карбонат, гидрокарбонату хлор ва кальцию натрий дошта, ба оби «Ессентуки» наздик аст. Дебиташ 1,5 л/сон., ҳарор. обаш 15° С. Дар 1 л. 2,6 г намакҳои минералӣ ҳаст. *Н. М. Чуршина.*

БАРЩИНА, шакли рентаи замин дар давраи феодализм, ки деҳқони крепостной дар мулки помещик рӯзҳои муайяни ҳафта бемузд кор мекард. Дар Европаи Ғарбӣ то а-ҳои 18—19 вуҷуд дошт, дар Россия с. 1861 расман манъ шуд, аммо то Рев. Октябрь пурра барҳам нахӯрда буд. Дар мамлакатҳои аграрӣ дар шаклҳои гуногун вуҷуд дорад.

БАРҒАСТИҲО (Plumbaginaceae), оилаи растаниҳои як ё бисьёрсолаи алафӣ, бутта ва лиан. Дар дунёё 500 ва дар СССР 130 намуди Б. маълуманд. Б. барги паҳн ё борики бо навбат ҷойгиршуда, гули дучинсаи дар гултӯдаи сарак, туг ё хӯшанамо нумӯкунанда ва меваи яктухма доранд. Дар РСС Тоҷ. аз Б. растаниҳои авлоди барғаст — Plumbago, болиштаки хирс — Acantholimon, лимӯкаҳак — Limonium, Chaetolimon, Psylliostachys ва ғ. вомехӯранд. Дар байни Б. растаниҳои ороишӣ (Psylliostachys suvorovii, Plumbago canensis), шифоӣ (Plumbago europaea, P. zeylanica, Armeria maritima), рангуборию даббоғӣ (Limonium otolepis) ва ғ. мавҷуданд.

Ад.: Балабас Г. М., ва диг., Интродукция лекарственных, ароматических и технических растений, Л., 1965; Флора и растительность ущелья реки Варзоб, Л., 1971.

БАРҚ, разряди электрикии шарорагии азим дар атмосфера. Б. дар байни абрҳо ё дар байни абрҳову Замин одатан дар шакли дурахши шӯълавари рӯшной зоҳир мегардад, ки онро гулдурроси раъд ҳамроҳӣ мекунад. Табиати электрикӣ доштани Б.-ро физики америкой Б. Франклин (1750—53) ошкор ва таҳқиқ кард. Б. асосан дар тӯдаабрҳои бороновар (раъду барқӣ), гоҳ-гоҳ дар абрҳои қабат-қабати бороновар, ҳангоми оташфишонии вулқонҳо, тӯфон ва ғ. ба вуҷуд меояд. Б. хаттӣ, куравӣ ва ғ. мешавад. Б.-и хаттӣ, ки аз ҳама беш мушоҳида мегардад, мансуби разрядҳои беэлектрод аст, зеро он аз тарокуми заррачаҳои заряднокшуда ибтидо мегирад. Б. дар сурате воқеъ мешавад, ки дар ҳаҷми нисбатан хурди абр (аммо на хурдтар аз ягон ҳаҷми бӯҳронӣ) майдони электрикии шиддатнокиаш барои оғози разряди электрикӣ кофӣ (~ 1 МВ/м) пайдо гардида, дар соҳаи нисбатан васеи абр майдони шиддатнокиаш барои идома ёфтани разряди оғозьёфта кофӣ (0,1—0,2 МВ/м) мавҷуд бошад. Дар Б. энергияи электрикии абр ба гармӣ табдил меёбад.



Схемаи инкишофи барқи рӯизаминӣ: а, б — ду зинаи лидер; 1 — абр, 2 — стримерҳо, 3 — канали лидери зина-зина, 4 — тоҷи канал, 5 — тоҷи импульсӣ дар саракии канал; в — ташаккули канали асосии барқ (К).

Процесси инкишофи Б.-и рӯизаминӣ чанд марҳала дорад. Аввал дар соҳае, ки майдони электрӣ ба қимати бӯҳронӣ мерасад, ионизацияи зарбатӣ сар мешавад. Ионизацияро аввал электронҳои озоде сар мекунанд, ки дар ҳаво ҳамеша ба миқдоре мавҷуд буда, аз таъсири майдони электрикӣ ба самти Замин суръати калон мегиранд ва бо атомҳои ҳаво бархӯрда, онҳоро ионизация мекунанд. Ҳамин тариқ, тармаҳои электронӣ пайдо мешавад, ки ба шохаҳои разряди электрикӣ — стримерҳо табдил меёбанд. Ин шохаҳо каналҳои фавқунноқилеанд, ки якҷоя шуда, канали термоионизациятшудаи дурахшони ноқилияташ хуб — лидери зина-зинаи Б.-ро ташкил медиҳанд (расми а, б). Лидер сӯи сатҳи Замин зина-зина (ҳар як зина то ба даҳҳо м мерасад) бо суръати ~ $5 \cdot 10^7$ м/сон ҳаракат мекунад. Ҳаракати лидер баъди ҳар як зина якчанд даҳ мксон қатъ гардида нурафканиаш хеле суст мешавад. Дар зинаи навбатӣ лидер боз ба якчанд даҳ метр ҳаракат мекунад. Дар ин вақт ҳамаи зинаҳои гузаштаро нурафкании дурахшон фаро мегирад; сипас боз қатъшавии ҳаракат ва сустшавии нурафканӣ рӯй медиҳад. Ин процессҳо дар давоми то ба сатҳи Замин омадани лидер (бо суръати миёнаи $2 \cdot 10^5$ м/сон) такрор мешавад. Бо мурури ба замин наздик шудани лидер шиддатнокии майдон дар нӯки он таҳвият меёбад. Бо таъсири ин майдон аз предметҳои баланди сатҳи Замин стримери ҷавобӣ меҷаҳад, ки бо лидер пайваст мешавад (ин хусусияти Б. дар сохти *барқгардон* истифода мешавад). Дар марҳалаи охирин аз канали ионизонидаи лидер (расми б) разряди баръакс (асосӣ)-и Б. мегузарад, ки ҷараёни то садҳо ҳазор А ва тобиши аз тобиши лидер дурахшонтар дошта, бо суръати азим (дар аввал то ~ 10^8 м/сон ва дар охири ҳаракат то ~10^7 м/сон) ҳаракат мекунад. Ҳарор. дохили канал ҳангоми разряди асосӣ беш аз 25000° С, тӯли канал 1—10 км ва диаметраш якчанд см мешавад.

Б.-ҳои дохилиабрӣ асосан марҳилаҳои лидериро дарбар мегиранд; тӯли онҳо аз ~1 то 150 км мерасад. Ҳангоми Б.-и дохилиабрӣ майдонҳои электрикӣ ва магнитӣ таъсир меёбанд ва радиоафканишот ба вуҷуд меоянд. Дар вақти сар задани Б. ҳаво тафсида якбора васеъ мешавад ва чун таркиш садо медиҳад.

Навъи махсуси Б. — барқи куравӣ сфероиди мунирест, ки энергияи хоси азим дорад ва одатан баъди зарбаи Б.-и хаттӣ пайдо мешавад. Б.-и куравӣ аз чанд сония то чанд дақиқа вуҷуд дошта метавонад. Табиати Б.-и куравӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Воқеъ гаштани Б. (чӣ Б.-и хаттӣ ва чӣ Б.-и куравӣ) боиси харобиҳои зиёд ва ҳалокати одамон шуда метавонад. Ниг. низ *Разряди электрикӣ дар газҳо.*

БАРҚГАРДОН, таҷҳизоти муҳофизати бино, иншооти саноатӣ, нақлиётӣ, коммуналӣ ва ғ. аз зарбати барқ. Б. аз барққабулкунак, заминвасла ва ҷараёнгузарон, ки Б.-ро бо замин мепайвандад, иборат аст. Навъи Б.-ро мувофиқи шароити маҳал муқаррар мекунанд. Разряди электрикии атмосферӣ аз Б. гузашта, ба замин меравад ва объекти муҳофизатро осеб намерасонад. Барои ҳифзи хатҳои алоқа дар симчӯбҳо сими Б.-ро тавре мешинонанд, ки аз нӯги симчӯб 10—15 см болотар бошад. Нӯги диг. Б.-ро ба Замин васл мекунанд.

БАРҶАСТАГӢ ВА ФУРӮХАМӢ, хосияти графики функцияи $y=f(x)$, ки аз ватари худ поён ё боло ҷойгир шудани камони хати качро ифода мекунад; дар ҳолати якум, ки барҷастагии графики функцияи $f(x)$ ба поён (фурӯхамӣ ба боло) аст, функцияро барҷаста (расми 1, *а*) ва дар ҳолати дуюм, ки фурӯхамӣ ба поён (барҷастагӣ ба боло) аст, функцияро фурӯхамида (расми 1, б) меноманд. Агар $f'(x)$ ва $f''(x)$ дар

ягон фосила мавҷуд ва дар он $f''(x) \geq 0$ бошад, ҳолати якум ва ҳангоми $f''(x) \leq 0$ будан ҳолати дуюм ҷой дорад. Агар расандаҳои атрофи нуқтаи



Расми 1, *а*



Расми 1, *б*



Расми 2, *а*



Расми 2, *б*

дилхоҳи хати каҷ зери камон ҷой гиранд, барҷастагӣ ба поён (расми 2, *а*) ва агар расандаҳо болои камон ҷой гиранд, фурӯҳамӣ ба поён равона мебошад (расми 2, б).

БАСИД, деҳа, маркази С. қ. Басид, р-ни Рушони ВАБК. Терр. с-зи «Бартанг». Аз Б. то маркази район 85 км. Аҳол. 402 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клубу китобхона, шӯъбаи алоқа, пункти тиббӣ, нуқтаҳои савдо дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз дарьёчаи кӯҳии дараи Басид обьёрӣ мешаванд.

БАСИР РАСО (фам. Басиров; тав. 13. 7. 1931, С. қ. Водхуди р-ни Ванҷ), шоири советии тоҷик. Аъзои КПСС аз с. 1963. Баъди хатми фак-ти филологияи Ун-ти давлатии Тоҷикистон (1956) дар идораи журнали «Хорпуштак» аввал ходими адабӣ ва баъдтар муҳаррир (1964) шуд. Шеърҳои Б. Р. аз с. 1954 дар матбуот ва маҷмӯаҳои коллективӣ чоп мешаванд. Ашъораш, ки дар маҷмӯаи «Дар боргоҳи нур» (1968) ба табъ расидааст, ба васфи синфи коргари тоҷик, тараннуми иншоотҳои навбунёд, зебоиҳои Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шеърҳои ҳаҷвиаш коргурезону танбалон, майпарастону порахӯрон, ҳаққимардумхӯрону фиреб-гаронро мазаммат намудааст. Б. Р. ашъори чанде аз шоирони республикаҳои бародарӣ ва мамлакатҳои хориҷиро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Аз с. 1971 узви ИН СССР.

БАСКАНА, Басикна بسكنة 1) парда, навои мусиқии хеле қадимия форс-тоҷик. 2) Тарона, суруди маросимии баҳория дар давраи Сосониён, ки мансуб ба *Борбади* Марвист.

А. Раҷабов.

БАСКЕТБОЛ (англ. basket — сабадча ва ball — тӯб), бозии спортии командавӣ. Қоидаи онро с. 1891 муаллими анатомияи коллеҷи Спрингфилд (ШМА) Ҷ. Нейсмит муқаррар кардааст. Масоҳати майдони Б. 26×14 м буда, дар ду тарафи майдон дар баландии 2,75 м дар пояи махсус тӯрхалта мегузоранд. Дар бозӣ ду команда аз 12-нафарӣ иштирок мекунад. Аз ду тараф якбора 5-нафарӣ ба бозӣ медароянд, баъд онҳоро ивазкарда меистанд. Барои ҳар тӯби ба тӯрхалтаи ҳариф андохташуда ду хол, барои тӯби ҷаримавӣ як хол дода мешавад. Бозӣ ду давр, ҳар кадоме 20 дақиқагӣ мегузарад. Дар байни бозӣ 2 дақиқа танаффус дода мешавад. Дар сурати баробар шудани холи ҳар ду команда боз 5 дақиқа вақти иловагӣ медиҳанд. Бозии Б. дар республикаи мо хеле паҳн шудааст. Дар байни Б.-бозон 17 устоди спорт, 40 номзад ба устодии спорт ва бисьёр дорандагони разряди якум ҳастанд (1977).

БАСКҲО (худ эускалдунак гӯянд), халқ, асосан дар Испания (800 ҳаз. наф., 1970) ва Франция (130 ҳаз. наф., 1970) зиндагӣ мекунад. Шумораашон дар Америкаи Лотинӣ тахминан 250 ҳаз. Ба забони баскӣ гап мезананд. Диндорон католиканд. Б. авлоди қабилаи иберии васконҳо мебошанд.

БАСМАНДА, деҳа дар С. қ. Овчии р-ни Ғончӣ, вил. Ленинобод. Дар терр. с-зи «Қалъаи Дӯст». Аз Б. то маркази С. қ. 5 км, то ноҳия 35 км, роҳ. асфальт. Аҳол. 3086 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, китобхона, пункти тиббӣ, нуқтаҳои хизмати маишӣ, нонвойхона, магазин, шӯъбаи алоқа дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ. Инчунин картошка ва сабзавот мекоранд. Заминҳо аз сои Басманда обьёрӣ мешаванд.

БАСОВ Николай Геннадиевич (14. 12. 1922, Воронеж), физики советӣ, яке аз асосгузорони радиофизикаи квантӣ, акад. АФ СССР (1966) ва аъзои Президиуми АФ СССР (1967), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). Аъзои КПСС аз с. 1951. Баъди хатми Ин-ти инженерӣ-физикӣ (1950, Москва) дар Ин-ти физикаи АФ СССР кор мекунад (аз 1972 директор). Проф. Ин-ти инженерӣ-физикии Москва (аз 1963), сармуҳаррири журнали «Природа» (1967), раиси Правлениях ҷамъияти умумииттифоқии «Знание» (1978) аст. Бо ҳамкории А. М. Прохоров усули нави бо ёрии системаҳои квантӣ ҳосил кардани лаппишҳои электромагнитиро ба вуҷуд овард ва аввалин генератори молекулярӣ *(мазер)*-ро сохт. Фикри татбиқи нимноқилҳоро дар генераторҳои диапазони оптикӣ *(лазерҳо)* пешниҳод намуд ва усули сохтани лазерҳои нимноқилиро такмил дод. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1959) ва Мукофоти нобелӣ (1964), бо ордени Ленин мукофотонида шудааст. Аъзои хориҷии АФ як қатор мамлакатҳо.

БАСОМАД, 1) басомади лаппиш, миқдори лаппишҳо дар воҳиди вақт (басомади хаттӣ) ё дар зарфи 2π воҳиди вақт (басомади даврӣ, кунҷӣ ё циклӣ). Б.-и хаттиро бо ν ё f, Б.-и кунҷиро бо ω ишорат мекунанд. Воҳиди Б.-и хаттӣ *герц* аст. Б.-и хаттӣ, Б.-и циклӣ ва даври лаппиш T ба ҳамдигар бо формулаҳои зерин алоқаманданд: $\nu = \frac{1}{T}$, $\omega = \frac{2\pi}{T}$, $\omega = 2\pi\nu$. (Ниг. *Лаппиш*). 2) Б.-и ҳодисаи тасодуфӣ, нисбати шумораи таҷрибаҳое, ки дар онҳо ҳодиса рӯй додааст (m) бар шумораи умумии таҷрибаҳо (n), яъне $\frac{m}{n}$. Барои қиматҳои калони n Б.-и ҳодиса одатан ба эҳтимолияташ наздик мебошад.

БАСОМАДИ ҶАРАЁНИ ЭЛЕКТРИКӢ, шумораи циклҳои пурра тағйирёбии ҷараёни тағйирёбанда дар воҳиди вақт. Б. ҷ. э. гуфта одатан адади даврҳои пурраи дар як сония воқеъгаштаро мефаҳманд. Ишораташ ν (дар техника бештар f) ва воҳидаш герц аст. 1 Гц = 1 давр/сон. Пас, Б. ҷ. э. бузургии чаппаи даври лаппиш мебошад: $\nu = \frac{1}{T}$. Воҳидҳои калонтар — килогерц (1 кГц = 10^3Гц) ва мегагерц (1 МГц = 10^6 Гц) низ истифода мешаванд. Дар техникаи алоқа, радиотехника ва г. ҷараёни электрикии баландбасомад истифода мешавад. Ниг. низ *Лаппиш*.

БАСОМАДСАНҶ, асбоб барои чен кардани басомади лаппиш (асосан лаппишҳои электрикӣ). Ба класси асбобҳои бевосита ҳисобкунанда мансуб аст. Б. аз рӯи принципи ба ҳисоб гирифтани шумораи даврҳои лаппиши ченшаванда, ки ба як даври генератори эталонии басомадаш устувор мувофиқ меоянд ё аз рӯи принципи муқоиса бо басомади маълуми резонатор ё генераторҳои эталонӣ амал мекунад. Б.-ҳои ферродинамикӣ, электромагнитӣ ва ростқунакдор, ки барои нишон додан ё ба коғаз сабт кардани басомадҳои 1—500 Гц таъин шудаанд, лавҳагӣ ё дастӣ мешаванд; Б.-ҳои электродинамикӣ ва камертонӣ, ки барои нишон додани басомадҳои то 3 МГц пешбинӣ шудаанд, фақат дастӣ мешаванд; Б.-ҳои электронӣ ва рақамӣ (дастӣ) басомадҳои то 1 МГц-ро нишон дода метавонанд. Б.-и вибрационӣ кам истифода мешавад.

БАСРА, البصرة Бассора шаҳр дар ҷан. Ироқ, маркази маъмурии музофоти Басра. Аҳол. 797,4 ҳаз. наф. (1970). Бандари калони д. Шатт-ул-Араб. Узели р. о. ва шоссе. Дар Б. спирту арақ, тапобу ресмон истеҳсол карда мешавад. Ҳунарманди равнақ ёфтааст. Бо экспорти хурмо машҳур аст. Дар наздикии Б. (Аз-Зубайр ва Румайла) кони нефть ҳаст.

Ба мак. Барг. 1. Сӯзаншакл. 2. Тасмашакли нӯктез. 3. Нештаршакл. 4. Эллипсшакл. 5. Дилшакл. 6. Гурдашакл. 7. Найзашакл. 8. Пайконшакл. 9. Паршакл. 10. Сепарра. 11. Панчапарра. 12. Панча-панчаи чок. 13. Парра-парраи чок. 14. Барбатшакл. 15. Пайкон-пайкон. 16. Токапаршаклм мураккаб. 17. Себарта. 18. Чуфтпаррашаклм пешбаргадор. 19. Бисьёрпарра (сепарра)-и мураккаб.

1
2



Ю. Баротбеков. Лавҳаи кандакорӣ бо тасвири В. И. Ленин, 1958—59.
Музеи муттаҳидаи республикавии таърихию кишваршиносӣ ва санъати тасвирӣ.

Ба мақолаи Ю. Баротбеков.

Б.-ро с. 637 ё 638 халифа Умар буньёд кард. А-ҳои 8—9 маркази муҳими маданӣ ва иқтисодии хилофат буд. С. 1258 ба дасти муғулҳо гузашта, с. 1534 ба империяи Усмонӣ ҳамроҳ шуд. С. 1914 қӯшунҳои Англия Б.-ро забт кардаанд. Пас аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ҳайати Ироқ дохил шуд. С-ҳои 30—50-уми а. 20 яке аз марказҳои ҳаракати коргарӣ ва зидди империалистӣ буд.

БАССОМИ ҒУРД بسام کرد (с. таз. ва ваф. номаълум), яке аз аввалин шоирони форс-тоҷик. Зодгоҳ ва ҷараёни зиндагиаш маълум нест. Аз ишораҳои муаллифи «Таърихи Систон» (а. 11) маълум мешавад, ки ҳаёт ва фаъолияти Б. Г. дар даврони салтанати Саффориён, махсусан дар замони ҳукмронии Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ дар нимаи дуюми а. 9 ҷараён ёфта будааст. Аз мероси адабии Б. Г. 5 байт ба туфайли «Таърихи Систон» ба мо расидааст, ки зоҳиран порчае аз қасидаи мадҳист. Ин панҷ байт дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) низ дарҷ гардидааст.

БАСТИЛИЯ (Bastille), қалъа дар Париж, с-ҳои 1370—82 сохта шудааст. Аз а. 15 арк ва маҳбаси давлатӣ. Аз охири а. 16 дар Б. асосан маҳбусони сиёсӣ нигоҳ дошта мешуданд. 14 июли 1789 халқ шӯриш бардошта, Б.-ро ба даст даровард, ки ин ибтидои *Революцияи Кабири Франция* буд. Баъди як сол Б. ба замин яксон карда шуд. Ин сана (аз с. 1880) чун иди миллии Франция ҷашн гирифта мешавад.

БАСӮТОЛЕНД, то с. 1966 мулки Британияи Кабир. Аз 4 окт. 1966 давлати мустақили *Лесото*.

БАТ, воҳиди пули Таиланд. Б.=100 сатанг. 42,725 мг тиллои холис дорад. С. 1928 ҷорӣ шудааст. 20,4 Б.=1 долл. ШМА (1976).

БАТАКҲО, халқ дар Индонезия, дар шим. ҷаз. Суматра зиндагӣ мекунанд. Шумораашон 2,5 млн (1967). Аз рӯи хусусияти забон ва этнография Б. ба 6 гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба забонҳои батакӣ гап мезананд. Диндорон мусулмонанд, қисман насронӣ. Байнашон боқимондаҳои авлодӣ вуҷуд дорад. Бо зироаткорӣ (шолӣ, ҷуворимакка, батат ва ғ.), бофандагӣ, кулолӣ, коркарди металл, меъморӣ машғуланд.

БАТАЛЬӮН (франс. Bataillon — отряд), подразделениян асосии тактикии полку бригадаҳо. Агар Б. бевосита ба ҳайати иттиҳодия дохил шавад, воҳиди мустақили маъмурӣ ба шумор меравад ва Б.-и алоҳида номида мешавад. Аз а. 14 вуҷуд дорад. Дар Россия аввали а. 18 пайдо шудааст. Инкишофи навъҳои қӯшун ва қӯшунҳои махсус боиси ташкил ёфтани Б.-ҳои танкӣ, парашютию десантӣ, сапёрӣ, мотоциклӣ, алоқа, автомобилӣ, сохтмон ва ғ. гардид.

Ҳоло Б.-и мототирандоз ё танкӣ аз штаб, 3—4 рота ва взводҳои гуногун: миномётӣ, зиддитанкӣ, снарядҳои идорашавандаи реактивӣ, алоқа, разведка ва ғ. иборат аст.

БАТАЛЬОНҲОИ КОММУНИСТӢ, қисмҳои ихтиёрии ҳарбӣ, яке аз шаклҳои лашкари халқӣ, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ташаббуси комитетҳои шаҳрӣ ва районии КПСС аз ихтиёриён (коммунистон, комсомолон, коргарони бепартиявӣ, хизматчиён, олимон ва хонандагон) барои мудофиаи шаҳр ва районҳои саноатӣ, аз ҷумла Москва, Ленинград, Тула, Севастополь, Одесса, Сталинград ва ғ. ташкил шуда буд. Сару либос ва тамоми диг. лавозимоти ҳайати шахсии Б. к.-ро корхонаҳо, ташкилотҳои маҳаллӣ, органҳои партиявӣ ва советӣ ҳозир мекарданд. Ба амалиёти ҷангии онҳо фармондеҳии ҳарбии участкаи муайяни фронт роҳбарӣ мекард. Мавҷудияти Б. к. дер давом накард, чунки ҳамаи онҳо ба сафҳои Армияи Сурхи амалкунанда ҳамроҳ шуданд. Ниг. низ *Лашкари халқӣ*. *А. Олимов.*

БАТАРЕЯ, ҳ а р б ӣ (франс. batterie ва battre — задан), подразделениян асосии оташфишони артиллерӣ. Б. ҳам алоҳида (батареяи полк, батареяи артиллерияи соҳилӣ) ва ҳам дар ҳайати артиллерияи дивизион (полк) буда метавонад. Дар Россия ҳамчун воҳиди штатии оташфишонӣ аз с. 1833 ба ҷои рота ҷорӣ шуд. Б.-и армияи ҳозиразамон аз 2—3 взводи оташфишон, взводи (отделениян) идоракунӣ ва 2—6 тӯп (миномёт) иборат аст.

БАТАРЕЯИ АККУМУЛЯТОРӢ, як гурӯҳ аккумуляторҳои якхелае, ки паёпай ё параллель пайваст шудаанд. Дар Б. а. шиддат, қувваи ҷараён, заряди электрикӣ ё иқтидоре ҳосил кардан мумкин аст, ки онро як элемент дода наметавонад. Ҳангоми параллель пайвастани аккумуляторҳо шиддати Б. а. ба шиддати ҳар як элемент, вале заряди умумӣ ба ҳосили ҷамъи зарядҳои ҳамаи аккумуляторҳо баробар мешавад. Дар пайвасти паёпай шиддати Б. а. ба ҷамъи ҚЭҲ-и ҳамаи элементҳо баробар мешавад. Бо мақсади назар ба шиддат ва заряди электрикии як аккумулятор зиёдтар кардани шиддат ва заряди электрикии Б. а. аккумуляторҳоро ба таври муштарак пайвастан мебояд. Б. а. манбаи ҷараёни доимист.

БАТАРЕЯИ ОФТОБӢ, б а т а р е я и э л е м е н т ҳ о и о ф т о б ӣ, генератори фотоэлектрикии нимноқилӣ, ки энергияи шуои Офтобро бевосита ба энергияи электрикӣ табдил медиҳад. Амали элементҳои офтобӣ (ЭО) ба ҳодисаи *фотоэффекти* дохилӣ асос ёфтааст (ниг. *Фотоэлемент*). ЭО-ро асосан аз Si ва GaAs месозанд. Б. о. дар аппаратураи радиофҳои маснӯи Замин, ракетаҳои кайҳонӣ ва ғ. васеъ истифода мешавад.

БАТАТ, я м с, к а р т о ш к а и ш и р и н (Ipomoea batatas), растании алафии бисьёрсолаест аз *печакиҳо*. Дар шароити киштукор—зироати яксола. Дар решапояш лӯндаҳои мудаввар, байзашакл ё турбшакл (яктоаш аз 200 г то 10 кг) меандозад. Пояш чун палак паҳн, то 5 м дароз мешавад. Барги дароздумчаи мудаввар ё байзашакл, гултӯдаи 1—4-гула, гули зангӯла ё қифшакли бунафш, сурх, гулобӣ ё сафед (дарозиаш 3—4,5 см), ғӯзаи байзашакли 1—4-тухма дорад. Ватани Б.-ро Мексика ва Америкаи Марказӣ меҳисобанд. Б.-и худрӯй маълум нест. Аҷдоде ҳаст, ки Б. аз як намуди гули ошиқи печон — Ipomoea trifida (аз тропикаи Америка) ба вуҷуд омадааст.

Ҳанӯз 3 ҳазор сол пеш аз м. мардуми Мексика ва Перу Б. мекиштанд. Дар ҷаз-ҳои Гавай Б.-парварӣ 500 сол то м. вуҷуд дошт. Ба Европа (Испания) Б.-ро Х. Колумб овардааст. Б.-ро ҳамчун зироати маъмули техникиву хӯрокӣ дар Индонезия, Италия, Испания, Португалия, Франция, ШМА, Япония, Хитой, Корея, Ҳиндустон, ҷаз-ҳои Филиппин, Танзания ва ғ. парвариш мекунанд. Дар СССР парвариши Б. с-ҳои 1932—33 дар ҷан. Украина, Кавкази Шимолӣ, соҳили Баҳри Сиёҳ натиҷаи хуб дод. Минбаъд кишти он дар Гурҷистон, Озарбойҷон ва Туркманистон низ ҷорӣ гашт. Бори аввал имконпазирии парвариши Б.-ро дар Осиёи Миёна кормандони Станцияи таҷрибавии ба номи Р. Р. Шредери Узбекистон (1932—33) собит кардаанд. Дар шароити Ҷоҷикистон парвариши Б.-ро с. 1936 санҷида, кишт ва коркарди омилҳои агротехникаи онро с. 1944 амалӣ гардониданд. Дар Иттифоқи Советӣ аз ҷиҳати мусоидатии иқлим барои парвариши Б. водии Вахш ҷои аввалро мегирад.

Б. зироати намӣ ва гармидӯст буда, барои рушди хуби он хоки сабуку ҳосилхез лозим. Тирамоҳ пеш аз кишт ба замин нурии минералӣ (Р-90, К-60

кг/га) андохта, чуқур (27—30 см) шудгор мекунанд. Аввали баҳор шудгорро сихмола карда, 2 ҳафта пеш аз кўчатшиноӣ хокро нарм (то чуқурии 20—22 см) менамоянд. Б.-ро бо кўчат зиёд мекунанд. Кўчатро дар гармхона (аз ҳар лўнда дар давоми 1,5—2 моҳ то 10 ҳаз. кўчат мегиранд) месабзонанд. Бо усули чоркунҷаи тоқа-тоқа (70×70; 25—30 ҳаз./га) мешинонанд. Даври хуби кўчатшиноӣ аз 10 то 25-уми апр. мебошад.

Давраи нашви Б. дар шароити республика 120—200 рўз. Дар ин муддат Б.-зорро 13—15 маротиба об медиҳанд. Истифодаи нурии минералӣ (N — 60, P_2O_5 — 60 ва K_2O — 60 кг/га) ҳосилро то 62% зиёд мегардонад. Лўндаи Б. охирҳои авг. ва аввалҳои сент. мепазад. Ҳосилро мобайнҳои окт. бояд ғундошт. Дар хоҷагиҳои тачрибавии Тоҷикистон то 55 т/га лўнда (дар ҷаҳон ба ҳисоби миёна 7—10 т/га) ва то 25 т/га баргу пояи Б. ғундоштаанд.

Лўндаи Б.-ро дар хандаҳои чуқурпашон 1—1,2 м (дар ҳар яке 600—1600 кг) нигоҳ медоранд. Б.-ро хушконда (100 кг-и тар баъди хушкондан 30 кг мешавад) низ нигоҳ медоранд.

Б. яке аз зироатҳои асосии хўрокии бисьёр кишварҳои тропикаю субтропика ба ҳисоб меравад. Лўндаи Б. — «картошкаи ширин»-ро тару тоза ва ҳам пухта истеъмол мекунанд. Аз он орд, ярма, вермишель, охар, пиво, квас, ҷем, спирт ва ғ. тайёр менамоянд. Оҳари Б. дар қаннодӣ ва саноати консерв ба кор меравад. Картошкаи ширин, ки дар шароити Тоҷикистон рўёндаанд, аз ҷиҳати ғизоноки нисбат ба картошка 1,5 бор, лаблабу 3 баробар баландтар аст ва дар таркибаш 31,9% моддаҳои хушк, 27,9 моддаҳои бенитроген, 10,5—20% оҳар, 8,9—12,7% қанд (6,8—10% глюкоза), 1,6% протеин, 0,5% равған, витаминҳои А (0,20—0,60 мг%), В, С, намакҳои минералӣ (0,5—1%) ва ғ. дорад.

Б. зироати хуби хўроки чорвост. Аз ҷиҳати ғизоноки аш нисбат ба ноки заминӣ (топинамбур), сабзӣ, лаблабу, тарбуз, каду, турнепс 1,5—5 баробар бартарӣ дорад. Дар шароити республика Б. хошок ва силоси сершира мешавад. Хошоки Б. 12,5% сафеда, 5% равған, 55,7% ангиштоб, 18% клетчатка ва силосаш 39—40% моддаҳои бенитроген, 0,66% равған, 1,5—2% протеин дорад. Як намуди диоскорея ё «картошкаи хитоӣ» (Dioscorea batatas)-ро низ «батат» меноманд.

Ад.: Субтропические культуры в Таджикской ССР, Сталинабад, 1951; Кузнецов С. Ф., Батат — на корм скоту, «Сельское хозяйство Таджикистана», 1954, № 1; Галкин А. А., Батат, «Тр. Вахшской зональной опытной станции Института садоводства им. И. В. Мичурина», Сталинабад, 1961; Малимон А. Я., Батат в Таджикистане, «Сельское хозяйство Таджикистана», 1969, № 2; Чиков П. С., Лаптев Ю. П., Витаминные и лекарственные растения, М., 1976.

М. Ҳоҷиматов, Т. Будтуева.

БАТИАЛЬ, зонаи батиалӣ (юн. bathys—чуқур), зонаи Уқ. Олам, ки дар байни қисмҳои неритӣ (тунукоб) ва абиссалӣ (чуқуроб) мавқеи мобайниро ишғол менамояд (чуқурии 200—2500 м). Аз ҷиҳати геоморфологӣ ба зонаи нишебаи материк рост меояд. Б. шароити хоси экологӣ дорад: фишори об баланд, рўшноӣ нест, ҳарор. ва зичии об дар мавсимҳои сол кам тағйир меёбад. Дар Б. намудҳои гуногуни зообентос ва моҳӣ бисьёр буда, ба сабаби нарасидани рўшноӣ набототаш хеле кам аст.

БАТИСКАФ (юн. bathys — чуқур, амиқ ва skáphos — киштӣ), аппарати худгарди зериобӣ барои мушоҳида ва тадқиқоти океанографӣ. Б. аз танаи сабук — шиноварак (ки бо моддаи сабуктар аз об, мас., бо бензин пур карда мешавад) ва кураи пўлодин — гондола иборат аст. Дар шиноварак балласт ва батареяи аккумуляторҳо ҷой мегиранд. Гондола барои ҷой додани экипаж, аппаратураи идоракунанда, системаҳои регенерацияи ҳаво, радиостанция, телефони ультрасадоӣ ва камераи телевизионӣ ва диг. асбобҳои тадқиқотӣ таъин шудааст. Дар беруни он муҳаррики электрикӣ бо винти обӣ шиноида мешавад. Аввалин Б. (ФНРС-2)-ро дар Швейцария О. Пиккар сохт (1948). Пиккар бо писараш Жак с. 1953 дар Б.-и «Триест» ба чуқурии 3160 м фуромад. Янв. 1960 Ж. Пиккар ва Д. Уолш дар Б.-и такмильёфтаи «Триест» то чуқурии 11 км фуромада ба таги новаи Мариан (уқ. Ором) расиданд. Б. ягона воситаест, ки бо он дар қаъри уқьёнус мушоҳидаҳои илмӣ гузарондан имкон дорад.

БАТИСФЕ́РА (юн. bathys — чуқур, ва sphaira — кура), камераи мустаҳками курашакл, ки барои мушоҳидаҳои зериобӣ таҷҳизот дорад ва ба воситаи симтаноб аз киштӣ ба қаъри об фароварда мешавад. Б. системаи тозакунии ҳаво, телефон, таҷҳизоти ченкунӣ ва люк (даричаҳои мудаввари биниш) дорад. Б. имкон медиҳад, ки дар чуқурии бештар аз 1000 м тадқиқот гузаронида шавад.

БАТИЦКИЙ Павел Фёдорович (тав. 27. 6. 1910, Харьков), Маршали Иттифоқи Советӣ (1968), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1965). Аъзои КПСС аз с. 1938. Аз оилаи коргар. С. 1929 мактаби аскарони савора, 1938 Академияи ҳарбии ба номи Фрунзе ва 1948 Академияи ҳарбии Штаби генералиро хатм кард. То Ҷанги Бузурги Ватанӣ фармондеҳи эскадрон буд. Дар Штаби генералӣ кор мекард ва сардори штаби бригада ва дивизия буд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) сардори штаб ва командири собиқ дивизияи тирандозии Фронти Шим. Ғарбӣ (июни 1941—43), баъд командири собиқ корпусҳои тирандозии 73-юм ва 128-уми фронтҳои Воронеж, 1-ум ва 2-юми Украина, 1-уми Белоруссия буд. Дар озод намудани Украина, Белоруссия, Молдавия ва торумор кардани қўшунҳои фашистони немис дар Пруссияи шарқӣ, гирифтани Берлин ва озод намудани Прага фаъолона иштирок намуд. Аз с. 1948 то 1950 сардори штаби минтақавии мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ (ПВО), баъд сардори сарштаби ҚҲҲ ва ҷонишини 1-уми сарфармондеҳи ҚҲҲ (1950—53), ҷонишини 1-уми фармондеҳи Округи ҳарбии Москва (1953—54). Аз с. 1954 фармондеҳи ПВО-и Округи ҳарбии Москва, аз с. 1965 ҷонишини 1-уми сардори Штаби генералии Қуввоҳои Мусаллаҳи СССР. Аз июли 1966 сарфармондеҳи қўшунҳои ПВО-и мамлакат ва ҷонишини вазири мудофиаи СССР. Номзад ба аъзоии КМ КПСС (аз 1961), аъзои КМ КПСС (аз 1966). Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 6—9). Бо 5 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, 5 ордени Байраки Сурх, ордени дарачаи 2-юми Суворов, орденҳои дарачаи 1 ва 2-юми Кутузов ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

БАТМУ́НХ Жамбын (тав. 1926, аймоқи Убсунур), ходими давлатӣ ва партиявии РХМ. Аз оилаи чорводори камбағал. С. 1951 Ун-ти давлатии Мўғулистонро хатм намуд. Иқтисодчӣ. С-ҳои 1951—52 муаллими Ун-ти давлатии Мўғулистон ва Ин-ти педагогӣ, 1952—58 муаллим, баъдтар нои-би ректори Мактаби олии партиявӣ дар назди КМ ПХРМ. С. 1961 дар Москва Академияи илмҳои ҷамъияттшиносии назди КМ КПСС-ро хатм намуда, рисолаи илмӣ ҳимоя кард ва соҳиби унвони номзади илми иқтисодиёт шуд. С-ҳои 1961—67 дар аппарати КМ ПХРМ кор кард, мудири кафедраи иқтисоди сиёсӣ, нои-би ректор ва ректори Ин-ти иқтисодиёт буд. Дар с-ҳои 1967—73 нои-би ректор ва баъдтар ректори Ун-ти давлатии Мўғулистон, 1973—74 мудири шўъбаи илм ва маорифи КМ ПХРМ, баъдтар ҷонишини Раиси Совети Вазирони РХМ. Аз с. 1971 аъзои КМ ПХРМ, аз июни 1974 аъзои Бюрои Сиёсии КМ ПХРМ. Аз июли 1974 Раиси Совети Вазирони РХМ.

БАТОЛИ́Т (юн. bathos — чуқурӣ ва lithos — санг), шакли ҷойгиршавии ҷинсҳои магмавии гурўҳи гранит дар қишри Замин. Б. ҳаҷман калон буда, майдонаш беш аз 200 км² аст. Аввал тахмин мекарданд, ки гуё қаъри Б. номаҳдуд аст, вале тадқиқоти муфассали геофизикии 15—20 соли охир гуногуншаклии ҷисмҳои гранити ва маҳдудияти ғафсии онҳоро муайян намуд. Б.-и калонтарин (400 000 км²) дар кўҳҳои Кордильераи Америка

оқеъ аст. Дар СССР — дар Қазоқисон, Кавказ, Осиёи Миёна (қ-кӯҳҳои Ҳатқал, Қурама, Ҳисор ва кӯҳҳои Помир) дучор мешавад. Дар минтақаи 1. конҳои вольфрам, молибден, оҳан, илло ва г. вомехӯранд.

БАТОМЕТР, асбоби гидрологӣ барои аз чуқуриҳои гуногуни баҳр, кӯл ва диг. обанборҳои табиӣ гирифтани намунаи об ба мақсади тадқиқи осиятҳои физикиву химиявии об ва моддаҳои органикиву ғайриорганикии таркиби он. Б. инчунин барои ен кардани ҳарор. оби қабати тадқиқшаванда истифода мешавад. Бо рии Б. — тахиметр на фақат гирифтани намунаи об, балки аниқ кардани суръати ҳаракати (дар қабати атлуб) низ имконпазир аст.

БАТОШ, деҳа дар С. қ. Қаратоғ, -ни Ҳисори РСС Тоҷ., дар сари роҳи Душанбе — Ҳисор. Терр. к-зи ба нои Жданов. Аз Б. то маркази С. қ. ,5 км, то район 14,5 км, роҳ асфальт. ,ҳол. 1050 наф. (1976), тоҷикон, ӯзбекҳо. Дар деҳа мактаби миёна, клуб, ункти тиббӣ, хонаи куҳансолон ва есторанти «Ором» ҳаст. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз . Қаротоғ обёрӣ мешаванд.

БАТТОНӢ البتاني Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҷобир (тақр. 858, Баттон, Сурия — 929), математик ва астрономи маъруфи араб. Охирҳои а. ва аввали а. 10 дар расадхонаи Рақа (воқеъ дар соҳили д. Фурот) мушоҳидаҳои астрономӣ гузарондааст. . 880 мушоҳидаҳои худро бо мушоҳидаҳои Батлимус (Птолемей) муқоиса намуда, давоми сол (365 рӯзу 5 соату 46 дақиқаву 24 сония), тӯли поғои Офтоб (82°17′) ва эксцентриситети мадори Заминро (0,0346) муайян кард. Дар «Ислоҳи Маҷастӣ» ом рисолааш функцияҳои тригонометрӣ (синус, тангенс ва котангенс)-о васеъ тадқиқ кардааст. Хулосаҳои илмии Б. ба тараққиёти тригонометрия дар Европа таъсир расонд.

Ад: Юшкевич А. П., История математики в средние века, М., 1963; Панекук А., История астрономии, М., 966.

БАТЬ Лидия Григорьевна (тав. 18. . 1900, Одесса), нависанда, мунаққид а мутарҷими советии рус. Ходими ҳизматнишондодаи Маданияти РСС Ӯзб. (1970). Фаъолияти адабиаш аз с. 928 сар шудааст. Асарҳои бадеии «Фритьоф Нансен» (1936) ва «Тарас Шевченко» (1939), ки бо ҳамроҳии . И. Дейч навишта шудаанд, аз таъифоти давраи аввали Б. аст. Б. доир а эҷодиёти С. Айнӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, М. Миршакар, Ф. Муҳаммадиев мақола, очерк ва тақризҳо дорад. Тарҷумаи романҳои Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ» (1964), «Дувоздаҳ ҳарвозаи Бухоро» (1972) ва «Тахти ,ожгун» (1975) ба қалами Б. мансуб ст, ки бо ҳамроҳии В. Смирнова ва М. Явич анҷом додааст. *Д. Икромӣ.*

БАУМАН Карл Янович (29. 8. 1892, ол. Вилькени Латвия — 1937), арбоби партиявии советӣ. Аъзои Партияи Коммунистӣ аз с. 1907. Аз оилаи деҳқон. Дар Лемзаель, Псков, Киев, Саратов корҳои партиявӣ бурдааст. Ин-ти тиҷоратии Киевро хатм намудааст. Иштирокчии Рев. Октябрь (1917) дар Киев. Дек. 1920 котиби Комитети партиявии губ. Курск интихоб шуд. Аз с. 1923 дар аппарати КМ РКП(б) кор кард. С. 1928 аъзои Бюрои ташкилӣ ва номзад ба аъзоии Котиботи КМ ВКП(б), мудири шӯъбаи КМ партия оид ба корҳои деҳот, котиби дуюми Комитети москвагии ВКП(б) буд. С-ҳои 1929—30 котиби КМ ва котиби якуми Комитети москвагии ВКП(б), 1930 котиби КМ ва аъзои Бюрои ташкилии КМ ВКП(б), 1931—34 котиби якуми Бюрои Осиёи миёнагии КМ ВКП(б), 1934 мудири шӯъбаи илм, кашфиёту ихтирооти илмию техникии КМ ВКП(б) шуд. Аъзои КИМ СССР буд. Дар съездҳои 14-ум (1925), 17-уми (1934) партия аъзои КМ ВКП(б) интихоб гардид.

БАУМАН Николай Эрнестович (тахал. партиявиаш Грач, Полетаев, Сарафский, Сорокин) (29. 5. 1873, Қазон — 31. 10. 1905, Москва), революционери касбӣ ва арбоби партияи большевикӣ. Аз оилаи дуредгар. С. 1895 Ин-ти ветеринарии Қазонро хатм кард. Фаъолияти революционии ӯ с-ҳои 90-ум дар Қазон оғоз ёфт. С-ҳои 1896—97 аъзои «Иттифоқи муборизаи барои озод кардани синфи коргар»-и Петербург буд. Аз марти 1897 22 моҳ дар қалъаи Петропавловск маҳбус буд ва с. 1899 ба губ. Вятка ба муддати 4 сол бадарға гардид. Окт. 1899 аз бадарға гурехта, ба Швейцария рафт ва аъзои гурӯҳи *«Иттифоқи социал-демократҳои рус дар хориҷа»* гардид. С. 1900 Б. дар ташкил кардани газетаи «Искра» яке аз наздиктарин ва фаъолтарин ёрдамчиёни В. И. Ленин буд. Дек. 1901 Б.-ро ҳамчун муҳаррири «Искра» ба Москва фиристоданд ва ӯ аъзои Комитети москвагии РСДРП шуд. Дар Съезди 2-юми РСДРП (1903) Б. вакили ташкилоти партиявии Москва буд ва роҳи ленинирро устуворона ҳимоя кард. Дек. 1903 роҳбари ташкилоти партиявии большевикони Москва ва Бюрои Шимолии КМ РСДРП буд. Дар хонааш пинҳонӣ матбаа ташкил кард. Окт. 1905 Б. ҳангоми намоише, ки Комитети москвагии РСДРП ташкил карда буд, аз тарафи сиёҳгурӯҳчиёне, ки агенти охранкаи мутлақият буд, ваҳшиёна кушта шуд.

БАФОӢ, деҳа дар С. қ. Гули Сурхи р-ни Ӯротеппаи вил. Ленинобод. Дар терр. к-зи «Роҳи Ленин». Аз Б. то маркази С. қ. 2 км, то район 3 км, роҳ асфальт. Аҳол. 594 наф. (1976), тоҷикон. Соҳаи асосии хоҷагӣ — боғу токдорӣ. Заминҳо аз обанбори Каттасой обёрӣ мешаванд.

БАФФИН, баҳри нимкушоди уқ. Яхбастаи Шимолӣ, дар байни ҷазираҳои Гренландия, Замини Баффин ва Элсмир. Ба воситаи гул. Дейвис бо уқ. Атлантик пайваст мешавад. Масоҳ. 689 ҳаз. км². Чуқуриаш то 2136 м. Ҳаҷми миёнаи об 593 ҳаз. км³. Қаъри баҳр аз рег, шағал ва лойқа иборат аст. Ҳарор. об дар зимистон — 1° С, тобистон дар Ҷ. Ш. 4—5° С, дар Шим. Ғ. то 0° С. Шӯриаш 30—34‰. Б. қисми зиёди сол яхпӯш аст. Маддаш нимшабонарӯзӣ, баландиаш то 4 м. Аз Б. моҳӣ (белуха, равғанмоҳӣ, шӯрмоҳӣ) шикор мекунанд. Ба хотираи кутбнаварди англис У. Баффин номида шудааст.

БАХ Алексей Николаевич (17. 3. 1857, ш. Золотоношаи вил. Полтава — 13. 5. 1946, Москва), олими советӣ, революционер, акад. АФ СССР (1929), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1945). Асосгузори мактаби биохимикони советӣ. Аз с. 1875 дар Ун-ти Киев меҳонд ва с. 1878 аз он бо сабаби дар баромадҳои сиёсии студентон иштирок кардан хориҷ карда шуд. С-ҳои 1885—1917 дар эмиграция буд. С. 1918 дар назди СОХХ РСФСР Лабораторияи марказии химиявиро, ки баъд ба Ин-ти химияи физикӣ ба номи Л. Я. Карпов табдил ёфт, ташкил карда, то охири ҳаёташ директори он буд. С. 1935 якҷоя бо А. И. *Опарин* Ин-ти биохимияи АФ СССР-ро ташкил кард ва директори он буд (аз 1944 Ин-т ба номи Б. аст). Корҳои асосии Б. ба проблемаҳои ассимиляцияи карбон дар растаниҳои сабз, процессҳои оксидшавӣ дар ҳуҷайраи зинда, энзимология бахшида шудаанд. С. 1897 назарияи пероксидии оҳиста-оҳиста оксидшавиро, ки дар инкишофи назарияи химизми нафас аҳамияти калон дошт, ифода кард. Фикрҳои асосии назариявии Б. оид ба химияи ферментҳо дар технологияи аз растанӣ ва ҳайвонот гирифтани маҳсулот васеъ ҷорӣ шудаанд. Депутати Советии Олии СССР (даъвати 1). Лауреати Мукофоти ба номи Ленин (1926) ва Мукофоти давлатӣ (1941). Бо 4 ордени Ленин ва ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

БАХ (Bach) Иоганн Себастьян (21. 3. 1685, Эйзенах — 28. 7. 1750, Лейпциг), бастакор ва арғунуннавози машҳури немис — яке аз асосгузорони мусиқии миллии немис. Асарҳои Б. қуллаи баланди афкори фалсафӣ дар мусиқӣ мебошанд. Ӯ бештар аз

1000 асари гуногунжанри мусиқӣ, аз ҷумла кантатаҳои динӣ, ораториянҳои «Машаққати Иоганн», «Машаққати Матфей», «Магнификат», «Ораториян иди мелоди Масеҳ» барин 300 асари вокалию драмавӣ эҷод кардааст. Дар соҳаи мусиқӣ Б. барои клавир аввалин шуда асарҳои концертӣ эҷод намуд. 6 «Концерти бранденбургӣ» ва 4 сюитаи рақсии Б. дар таърихи мусиқии оркестрӣ марҳалаи наве кушодаанд. Б. барои такмили асбобҳои мусиқӣ, аз ҷумла, арғунун ва клавир хизмати зиёд кардааст. С. 1950 дар Лейпциг ба муносибати 200-солагии рӯзи вафоти Б. конкурси байналхалқӣ гузаронида шуд. Баъди ин ҳар чор сол конкурси ба номи Б. баргузор мешавад.

БАХМАЛ, м а х м а л, матои нимабрешими ҳарранга ё якранг, ки пати нафис дорад. Хелҳояш (абрбахмал, пилтабахмал, духоба) бо гул ва пат фарқ мекунанд. Дар Самарқанду Бухоро аз асрҳои миёна истеҳсол мешуд. Дар Бухоро Б.-и гулдор мебофтанд, ки тораш абрешимину пудаш ресмонӣ буд. Самарқанд бо як навъи зебои Б.-и якранги гулобии баланд шӯҳрат дошт. Б.-ро то с-ҳои 20 а. 20 асосан дастӣ мебофтанд. Тори Б. ду қабат аст: болоияш абрешимӣ, ки аз он пат ҳосил мешавад ва заминаш аз абрешими хом иборат буда, барои нигоҳ доштани пуд хизмат мекунад. Бахмалбофӣ касби мураккаб ва меҳнатталаб буд. Баъди бофтан бо мили биринҷии химчамонанд ва поку пати онро тахту ҳамвор мебуриданд. Аз с-ҳои 20 а. 20 дар дастгоҳҳои дунавардаи шашгула ва панҷпопушал мебофтанд. То Рев. Каб. Соц. Октябрь аз Б. аҳли дарбор ва бойҳо либос медӯхтанд. Ҳоло дар корхонаҳои саноати сабук хелҳои гуногуни Б.-ро истеҳсол мекунанд. *Н. Турсунов.*

БАХМАЛГУЛ, а б б о с ӣ (Tagetes patula), гули яксолаи маъмулест аз *мураккабгулҳо*. Баландиаш то 80 см. Пояи сершохча, барги базеби паршакл, сабадакгули махмалии дорчинӣ, зард, норанҷӣ, бӯри сурхтоб (қутраш 3—6 см), тухми сиёҳ (қобилияти сабзишаш то 3 сол боқӣ мемонад) дорад. Вобаста ба шароити маҳал баъди 4—18 рӯзи кишт нашъунамо ёфта, аз июнь то барф ё сармои аввал гул мекунад. Дар ҳама гуна хоки наминаш мӯътадил ва майдони кушод, ипчунин дар сояву нимсоя хуб месабзад. Барои барпо кардани гулзору гулгаштҳо, *гулхат* ва *гулнақшҳо* васеъ истифода мешавад. Гули он бӯи баланд дорад, барги онро дар баъзе кишварҳо дар таом истифода мекунанд. Моддаи ранговар ва равғани эфири гулбаргҳои Б. (0,1%) низ дар хурокворӣ ба кор меояд. Ниг. низ *Аббосӣ*.

Ад.: Ҳ о ҷ и м а т о в М., О л и м о в М., Чаҳорбоғи гулҳо, Д., 1978. *М. Ҳоҷиматов.*

БАХМИР, чашмаҳои обаш гарм ва хунуки минералӣ дар Помири Шарқӣ (ВАБК), 14 км ҷанубтар аз деҳаи Қизилработ, дар баландии 4060 м аз с. б. воқеъ аст. Дебиташ 1,4 л/сон., ё дар як шабонарӯз 120 м³. Ҳарор. об 38° С, минералнокиаш дар як литр 4 г. Таркибаш гидрокарбонати натрий, кислотаи карбон, кислотаи метаборат дорад. *Н. М. Чуршина.*

БАХТ, т о л е ъ, с а о д а т, мафҳуми ахлоқиест, ки эҳсоси фаровонии ҳаёт, комилан қаноатманд будан аз фаъолияти худ ва натиҷаҳои он, амалӣ гаштани мақсаду маромҳои шахсро мефаҳмонад. Б. мисли орзу шакли ҳиссию эҳсосии идеал буда, бар хилофи орзу на мақсади шахс, балки иҷрои ин мақсадро нишон медиҳад. Файласуфони Юнони Қадим Суқрот, Афлотун, Эпикур ва диг. барои аз ҷиҳати назарӣ асоснок намудани моҳияти Б. кӯшишҳо кардаанд. Мутафаккирони асри миёнаи форс-тоҷик (Ибни Сино, Ибни Мискавейҳ, Садруддини Шерозӣ, Насируддини Тӯсӣ, Ҷалолуддини Давонӣ ва диг.) таълим медоданд, ки инсон танҳо тавассути камолоти ахлоқӣ, такомули ақл ва хислатҳои наҷиб — адлу инсоф, иффату ҳикмат, шуҷоату эътидол соҳиббахт мешавад. Онҳо Б.-ро барои кулл не, балки барои фард ҷустуҷӯ намудаанд. Камбудии онҳо ин аст, ки Б.-ро абстракт, новобаста ба ҳаёти ҷамъиятӣ шарҳу эзоҳ медоданд, онро гоҳ дар лаззати ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ, гоҳ дар манфиату фоидаи шахсӣ ё гӯшанишинӣ медиданд. Мафҳуми Б. мафҳуми таърихию синфист. Ҳар як синф (феодалону капиталистон, коргарону деҳқонон) Б.-ро мувофиқи манфиату шароити зиндагии худ мефаҳмад. Б. мафҳуми нисбист ва он мутлақ шуда наметавонад. Б. ва тасаввурот дар бораи он ба сохти иқтисодии ҷамъият, ҳаёти иҷтимоӣ, фаровонии моддӣ, озодӣ, саломатӣ, муҳаббат, мавқеи иҷтимоӣ, синну сол донишу ҷаҳонбинии шахс ва амсоли он вобаста аст. Ахлоқи динию идеалистӣ Б.-ро аз ҳаёти реалӣ ҷудо ва ба «қудрати илоҳӣ» марбут месозад. Бар хилофи онҳо файласуфони материалист Б.-ро дар ҳаёти реалии мардум меҷӯянд, зеро инсон танҳо дар зиндагии воқеӣ хушбахт шуда метавонад. Дар давраи социализм Б.-и ҳар як одам ба хушбахтии тамоми ҷамъият вобаста аст, чунки қисмати ҳар шахс ба тақдири тамоми халқ робитаи қавӣ дорад. Бинобар ин ҳар як ғалабае, ки дар мамлакати мо ба даст меояд, пеш аз ҳама ғалабаи аъзоёни ҷамъияти социалистӣ ва зуҳури хушбахтии онҳост. К. Маркс қайд кардааст, ки ӯ маънои Б.-ро дар муборизаи мебинад. Ин фаҳмиш аз ҷамеи тасаввуроти анъанавӣ ба куллӣ фарқ мекунад ва шахсро ба қаноатмандӣ аз шароити мавҷуда не, балки ба кӯшиши доимӣ дар роҳи ҳаёти неки оянда ва бартараф намудани дущворихои он даъвату сафарбар менамояд. Вай хоҳиши беҳбудӣ ва манфиатҳои шахсӣ набуда, балки истифодаи мукаммал ва инкишофи имкониятҳои шахсӣ дар фаъолияти бошууронаест, ки ба манфиати умум нигаронида шудааст.

Ад.: М а р к с К., Э н г е л ь с Ф., Соч., 2 изд., т. 31, стр. 492; Ф е д о р е н к о Е. Г., Основы марксистско-ленинской этики. Киев, 1972. *М. Мирбобоев.*

БАХТИЁР, чашмаи минералӣ дар Помири Шарқӣ (ВАБК). Дар ҳамии Сассиқкӯл, дар баландии 4010 м аз с. б. воқеъ аст. Дебиташ 2,5 л/сон., ё дар як шабонарӯз 220 м³. Ҳарор. об 7,5° С. Таркибаш гидрокарбонати натрию кальций дорад; миқдори намакҳои минералӣ дар 1 л об 2,1 г. *Н. М. Чуршина.*

БАХТИЁРИҲО بختیاریها гурӯҳи қабилаҳои ҷан. ғарбии Эрон. Асосан дар Бахтиёрия, дар поёноби д. Оби Диз, байни ш.-ҳои Шуштар ва Исфаҳон сокинанд. Шумораашон тақрибан 450 ҳаз. (1967). Ба лаҳҷаи бахтиёрии *забони форсӣ* гап мезананд. Диндорон мусулмони шиаанд. Ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: ҳафтланг ва чаҳорланг. Номи «бахтиёр» ҳамчун унвони яке аз қабилаҳои силсилакӯҳи Зогрус аввалин бор дар сарчашмаҳои а-ҳои 16—17 «Шарафнома»-и Шарафхони Бидлисӣ ва «Таърихи оламороии Аббосӣ»-и Искандарбеки Муншӣ номбар шудааст. Б. қабилаҳои қадимаи Эрон мебошанд, ки ҳазораи 1 то м. дар ҳудуди имрӯзаи он маскан доштанд. Асрҳои миёна дар Бахтиёрия феодалони маҳаллӣ ҳукмронӣ мекарданд, инчунин шӯрои олӣ вуҷуд дошт, ки ба ҳайати он садрони Б.— илхонҳо дохил мешуданд. Дар давраи *Революцияи Эрон (1905—11)* с. 1909 Б. ба Теҳрон дохил шуда, дар сарнагун кардани Муҳаммадалишоҳ иштирок намуданд. С. 1909 қисми заминҳои Б. ба ихтиёри ширкати нефти Англия—Эрон гузашт. Асосан бо чорводорӣ, қисман бо зироаткорӣ машғуланд. Баъзеҳо дар саноати нефть кор мекунанд. *Н. Мирзоев.*

«БАХТИЁРНОМА» بختیار نامه намунаи осори пандомӯзи адабиёти қадими форс-тоҷик. Ба забони паҳлавӣ таълиф шуда, нусхаҳои аслаш то имрӯз пайдо нест. Дақоиқии Марвазӣ (а. 12) матни паҳлавии асарро ба форсӣ-тоҷикии пуртакаллуф таҳрир карда, ба он «Роҳат-ул-арвоҳ» ном додааст. Матни асари Дақоиқӣ дар Эрон (Теҳрон, 1967) ба табъ расид. Як таҳ-

рири тоҷикии «Б.» ба қалами Сироҷуддини Самарқандӣ (ибтидои а. 13) мансуб аст «Б.» чанд таҳрири маҷҳулмуаллиф ва халқӣ низ дорад, ки яке аз онҳоро Муҳаммади Авфӣ ба «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-урривоёт»-аш дохил кардааст. Таҳрирҳои маҷҳулмуаллифи «Б.» дар Лондон (1801), Париж (1829), Табрез (1890), Ленинград (1926), Теҳрон (1952) ва ғ. ба табъ расидаанд. «Б.» ба усули ҳикоят андар ҳикоят таҳрир ёфтааст: Шоҳзода (Бахтиёр) бо тӯҳмате ба марг маҳкум мешавад ва даҳ нафар вазири дарбор ба навбат назди шоҳ омада ҳикоят мегӯянд (ва аз ин ҷо асар бо номи «Ҳикояти даҳ вазир» низ маъруф аст) ва дар иҷрои ҳукм таҳрик мекунанд, вале баъди ҳар вазир шоҳзода дар бегуноҳии худ ҳикоят оварда, иҷрои қатлро ба таъхир меандозад. Баъди 10 рӯз бегуноҳ будани ӯ собит шуд. Азбаски «Б.» аз ҷиҳати сохту композиция ва гузориши масъала ба *«Синдбоднома»* монандӣ дорад, баъзе муҳаққиқон тахмин кардаанд, ки «Б.» дар тақлиди китоби Синдбод пайдо шудааст. «Б.» ба чандин забонҳо: арабӣ, ҳиндӣ, малаӣ, туркӣ, уйғурӣ, озарбойҷонӣ, гурҷӣ, русӣ, немисӣ, даниягӣ ва ғ. тарҷума шудааст.

Ҷ. Азизҳулов.

БАХТИЕРИ, навъи ангури маҳаллӣ. Селекцияи халқӣ. Бештар дар вил. Ленинободу водиҳои Вахшу Ҳисори РСС Тоҷ. ва инчунин вил. Самарқанди РСС Ӯзб. ва РСС Қаз. паҳн

шудааст. Токаш тезсабз, 22—26%-и павдаҳояш ҳосилдеҳ. Баргаш мудаввар (дарозиаш 18—21 см ва бараш 19,5—23 см), гулаш дучинса, хӯшаш калон (дарозиаш ба ҳисоби миёна 24 см ва бараш 14 см), 450—600 г (ба ҳисоби миёна 510 г), донааш сабзи зардчаи сершираю хушталъм, то 18% қанд ва 5,6 г/л туршӣ дорад. Б.

гармидӯст ва серҳосил, дар замини лалмӣ нағз месабзад. Ба ҳисоби миёна 120—140 ва дар шароити хуб то 170—190 ц/га ҳосил медиҳад. Асосан барои ширааш ва тарҳӯрӣ мепарваранд.

Ад.: Сорта винограда Узбекистана, Ташкент, 1974.

БАХШГОҲ, обтақсимкунак, ҳадди байни ҳавзаи дарьёҳо, ки аз он обҳои атмосферӣ ба ду нишебаи пушти ҳам ҷорӣ мешаванд. Б. дар ҳамвориҳо аксар вақт васеъ шуда, боиси тағйирёбии ҷараёни мегардад. Ҳаддеро, ки ҷараёни оби хушкиҳоро ба ҳавзаҳои уқ-ҳои Орому Ҳинд ва Атлантику Яхбастаи Шим. тақсим мекунад, Б.-и калони Замин меноманд.

БАХШИШ, дар ҳуқуқи граждани, шартномае, ки мувофиқи он як шахс молу мулкашро бемузд (ройгон) ба ихтиёри каси дигар медиҳад. Гражданинҳо метавонанд молу мулки худро ба ташкилотҳои давлатӣ, кооперативӣ ё ҷамъиятӣ бахшанд. Шартномаи Б. ба маблаги аз 100 то 500 сӯм дар шакли хаттии оддӣ баста мешавад. Агар маблаг аз 500 сӯм зиёд бошад, шартномаи Б.-ро нотариус тасдиқ мекунад. Агар гражданин молу мулкашро ба ташкилотҳои социалистӣ бахшад, шартномаи Б. дар шакли хаттии оддӣ баста мешавад. Шартномаи Б.-и ҳавлӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, бо тасдиқи нотариус расмӣ карда мешавад (мод. 234, 264, 265, КГ РСС Тоҷ.). Риоя накардани шакли муқарраршудаи шартномаи Б. оқибатҳои манфии юридикиро ба вуҷуд меорад (беэътибор шудани шартнома ва ғ.).

БАХШӢ (بخشی санскр. бҳикшу — қаландар, дарвеш), 1) дар байни халқҳои туркзабон ҳофиз, достонсаро, ки суруду достонҳоро аз ёд карда бо ягон оҳанг меҳонд. Дар асоси назми даҳанакӣ ривоҷ ёфтааст. Байни тоҷикон ин вазифаро *гӯяндаҳои халқӣ* иҷро мекунанд; 2) авомфиреб, шахсе, ки беморонро гӯё «даво» мекард. Ба қавли Б. дар ҳаёт арвоҳи баду нек ҳастанд ва сабабгори беморӣ арвоҳи баданд. Б. бо дорозанӣ, дуохонӣ ва ёрии арвоҳи нек арвоҳи нопоки фавқуттабиа (дев, албастӣ, ҷин ва ғ.)-ро, ки гӯё дар бадани бемор ҷой гирифтаанд, «дур мекард». Б. афсунгарӣ ва фолбинӣ низ мекард. Бо инкишофи илми тиб мавқеи Б. аз байн рафт; 3) дар давраи истилои муғул қаландарони буддо, дар байни уйғурҳо котибу ҷарроҳон, дар улуси Чағатой, Урдуи тилло, давлати хонии Қазон ва Қрим котиб; дар давлати Темуриёни Ҳинд шахсе, ки ҳисобу китоби қисмҳои ҳарбиро мебурд ва маош медод; дар аморати Бухоро амалдоре, ки ҳисоби молиявии сохтмони биноҳои давлатиро мебурд; дар байни туркманҳо пири авлод.

О. Муродов.

БАЧАДӢН, қисми махсуси аъзои ҷинсии модинаи ҳайвонот ва одам. Қисми васеъшудаи тухмраҳа буда,

деворааи мушакии боқувват дорад ва бо хун нағз таъмин шудааст.

Б.-и ҳайвонот. Лӯндакирмҳо, бандпоён, нарибаданон, бештари мӯҳрадорони дарачаи паст (баъзеи моҳиёни тағояқдор ва ҳамаи моҳиёни устухондори эндазо), як қисми обхокиҳо ва аксари хазандагон, парандагон ва ҳамаи ширхӯрон Б. доранд. Дар Б.-и хазанда ва парандагон тухми расида муваққатан ҷойгир мешавад. Дар Б.-и ҳайвоноти эндазо ё аз ҳисоби моддаҳои ғизоии *тухм* ё аз ҳисоби моддаҳои ғизоии организми модар, ки ба воситаи *машима* (ҳамроҳак) ворид мешаванд, инкишофи эмбрионӣ ба амал меояд. Сохти Б.-и ширхӯрон ҳар хел аст. Б.-и клоакадорон (мурғобибинӣ, ехидна) ҷуфт буда, ҳар якеаш алоҳида ба *клоака* кушода мешавад. Б.-и халтадорон (кенгуру ва ғ.) ҷуфт аст ва ҳар якеаш ба *маҳбали* махсус кушода мешавад. Б.-и ширхӯрони машимадор ҷуфт, тоқа ва мобайнӣ мешавад. Аз ҷиҳати чигуна васл шудани тухмраҳа Б. 4 навъ мешаъад: Б.-и дучанд (дар баъзе хояндагон, фил ва ғ.), дуқисма (дар баъзе хояндагон, жовандагон, дарандагон), душоха (дар дарандагон, ҳашаротхӯрон, китшаклон, ҷуфт ва тоқасумон), оддӣ (дар бештари болдастҳо, маймун ва одам).

Б.-и одам дар ҷавфи коси хурд, дар байни пешобдон ва рӯдаи рост ҷойгир шудааст. Вазни Б.-и занҳои назоида 40—59 г ва занҳои бисьёрзоида 90—100 г аст. Қисми зиёди Б.-ро танаи Б. ташкил мекунад, ки болои опро қаър ва поёнашро гардани Б. меноманд. Қаъри Б. васеътар буда, ба пеш хам шудааст. Б. дар дохили худ сатҳи секунҷае дорад, ки болояш бо ду сӯрох бо найчаҳои Б. (найчаҳои Фаллопий) алоқаманд аст. Гарданаи Б. ба маҳбал кушода мешавад. Деворааи Б. се парда дорад: пардаи берунӣ, пардаи миёна — ғафстарин парда, ки аз се қабат мушаки суфта иборат аст; пардаи дохилӣ (луоби), ки бо ғадудҳои сершумор таъмин буда, дар патиҷаи ҳайзбинӣ тағйир меёбад. Б. рагҳои хунгард ва лимфавии бисьёр дорад.

Сатҳи Б.-ро торҳои асаб фаро гирифтаанд.

БАЧАИ САҚҚО (с. тав. номаълум — ваф. 1929), пешаои шӯриши тоҷикони Кӯҳистон ва Кӯҳдоман, ки ба муқобили ҳукумати *Амонуллоҳхон* чанд дафъа қиём намуда буданд. Ислоҳоти буржуазии ҳукумати Амонуллоҳхон харҷу сарфи зиёдеро ба миён овард, ки бори вазнини онро ба дӯши халқи заҳматкаш афтода буд ва дар ин замина с-ҳои 1924—28 дар қисматҳои алоҳидаи мамлакат шӯру ошӯбҳои халқӣ сар зад. Тирамоҳи с. 1928 дар вил. Машриқи байни шинвориён, хукиёниён ва диг. қабилаҳои афгон шӯриши калоне ба вуқуъ омад,

ки дар байни диг. халқҳо ва қабилаҳо ҳамовозӣ пайдо намуд. Дар пайравии шӯришиёни Машриқӣ мардуми Лӯгмон баромад намуда, с. 1928 пешвои шӯриши умумии тоҷикони Кӯҳдоман ва Кӯҳистон гардиданд. Дар он лаҳзае, ки шим. шарқ ва ҷанубро оташи шӯриши умумӣ фаро гирифт ва ҳукумати Амонуллоҳхон сарриштаи кор ва тадбирро аз даст дод, феодалон, рӯҳониён ва саркардаҳои шимолӣ, ки аз нуфузи афғонҳо ва ислоҳоти Амонуллоҳхон норозӣ буданд, аз шахсияти Б. С. ва шӯру ошӯбҳои халқӣ ба нафъи худ истифода карданд. Ба ҳамин мақсад онҳо Б. С.-ро подшоҳ эълон намуда, ба ишғол кардани Кобул ҳидоят намуданд. Шӯришгарон янв. 1929 Кобулро ишғол намуданд ва Амонуллоҳхон маҷбуран истеъфо дод. Б. С. бо номи аслии худ Ҳабибуллоҳхон расман подшоҳ эълон шуд. Пас аз фатҳи Кобул аксар вил-ҳои Афғонистон ҳукумати Б. С.-ро эътироф намуданд. Б. С. бесавод буд, кореро мустақилона пеш бурда наметавонист ва олоти дасти душманони ҳукумати Амонуллоҳхон қарор гирифта буд, зимомдори тадбирот ва чорачӯиҳои ҳукумати Б. С. онҳо ҳисоб мешуданд. Ҳукумати Б. С. дар ибтидои ҳукмронӣ изҳор кард, ки назму насаҳи мамлакатро ислоҳ намуда, вазъи моддӣ ва молии мардумро амиқан баррасӣ менамояд ва андозу хироҷро кам мекунад. Лекин дар асл ҳамаи ваъдаҳои ҳукумат пуч ва ботил баромад, умеду орзуҳои оммаи халқ барбод рафт, бинобар ин онҳо аз ҳукумати Б. С. рӯй тофтанд.

Генерал *Нодиршоҳ* (аз хешовандони Амонуллоҳхон) аз байни қабилаҳои ҷанубӣ лашкар ороста, мардуми ҷанубро зидди шимолиён ташвиқ ва тарғиб намуд. Дар чандин муҳориба қӯшунҳои ҳукумати Б. С. шикаст хӯрданд. Нодиршоҳ окт. 1929 Кобулро забт ва Б. С.-ро дастгир намуда ба қатл расонд ва худашро подшоҳи Афғонистон эълон намуд. *Ҳ. Назаров.*

БАЧАМАЗОР, деҳа дар С. қ. Қушқия, р-ни Совети вил. Кӯлоб. Терр. с-зи «Совет-I». Аз Б. то маркази С. қ. 1,5 км, то район 13 км; роҳ асфальт. Аҳол. 300 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, кирмкадорӣ, ғаллакорӣ, боғу токдорӣ.

БАШКИН Иван Михайлович (29. 7. 1896, деҳаи Кременскаяи вил. Дон — 3. 11. 1976, Қӯрғонтеппа), агроном, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Агрономи Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1957), ташкилотчии ҳаракати коллективонии х. қ. Аъзои КПСС аз с. 1941. Иштирокчии Ҷанги граждани (1918—20) ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). С. 1916 омӯзишгоҳи х. қ.-и Донро хатм намуда, с-ҳои 1921—23 агрономи с-зи ҳарбӣ, 1924—27 агроному ташкилотчии коллективонии х. қ. дар Осетияи Шимолӣ, 1927—33 мудири маркази агрономии р-ни Конибодом, 1934—41 агрономи калони МТС-и Қӯрғонтеппа, 1946—67 сарагрономи шӯъбаи пахтакорӣ, сарагрономи МТС ва инспекцияи х. қ., инструктори комитети партияи р-ни Қӯрғонтеппа ва аз с. 1967 нафақахӯри шахсӣ. Б. дар Съезди 5 ПК Тоҷ. аъзои КМ интихоб шудааст. Бо ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени Ситораи Сурх, медальҳо (аз ҷумла 4 медали тилло ва нуқраи НКХХ СССР) ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БАШУРВДАРА, пирьях дар Помири Ғарбӣ (ВАБК), дар нишебаи ҷанубии қ-кӯҳи Язгулом. Тӯлаш 13,3 км, бараш 450—900 м; масоҳ. 22,8 км². Ҳаҷми ях 1,43 км³. Нуқтаи болои пирьях дар баландии 6000 м, поёнаш — 3540 м. Баландии хати барф 4970 м. Забонаи пирьях дар масофаи 6—7 км бо морена пӯшидааст. Аз пирьях д. Хабарвихаҷ (шохоби Ғӯдара, ҳавзаи д. Мурғоб) сар мешавад.

БАШШОР ИБНИ БУРД بشار ابن برد (714, Басра — 784), шоири эронинажоди араб. Аз оилаи кулол. Забони арабиро дар байни арабҳои бодиянишин омӯхта, дар Басра бо мӯътазилиён наздик шуд ва ба зиндиқиву даҳриги таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Барои аз таъқиботи рӯҳониён эмин мондан ба шаҳрҳои зиёде муҳоҷират карда, аз ҳокимони он ҷо (аз ҷумла, ҳокими Ироқ Язид ибни Умар ибни Ҳубайра ал-Фаззорӣ ва халифа Маҳдӣ ибни Мансур) ҳимоят ҷуст. Б. асосан ҳаҷвия, лирикаи ишқӣ ва марсия эҷод кардааст. Қисми зиёди шеърҳояш бо вазни тавил иншо шудаанд. Аввалин шоирест, ки ба назми анъанавии араб рахна зада, доираи мавзӯи онро васеътар кард, шеърро ба фазои кушоди парвоз раҳнамун сохт ва ба табақаҳои васеи ҷамъият наздик кард.

Намояндаи ҷараёни шуубия буд ва дар ашъораш гузаштаи Эрон ва қаҳрамониҳои аҷдодашро бо ифтихор суруда, онро ба арабҳои бодиянишин муқобил гузоштааст.

Ад.: Ханна аль-Фахури, История арабской литературы, т. 1, М., 1959. *А. Аҳмадҷонзода.*

БАШШОРИ МАРҒАЗӢ بشار مرغزی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 10 форс-тоҷик. Доир ба шарҳи ҳол ва ашъори ӯ дар сарчашмаҳо маълумот нест. Ба қавли муаллифи тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Б. М. ба арабӣ ва форсӣ шеър гуфтааст. Дар ин сарчашма аҳволи *Башшор ибни Бурд* бо Б. М. иштибоҳ шудааст. Аз осори Б. М. фақат як қасидаи хамрия боқӣ мондааст, ки 31 байт дорад. Мавзӯи ин қасида монанди қасидаи «Модари май»-и Рӯдакӣ аз тасвири тарзи тайёр кардани шароб иборат аст, ки дар назми а. 10 хеле ривоҷ дошт. Сюжети бадеии қасидаи Б. М.-ро дар нимаи аввали а. 11 *Манучеҳрии Домғонӣ* дар мусамматоти хамрии худ инкишоф дод. *С. Саъдиев.*

БАЯН (аз номи ҳофизи афсонавии қадими рус Баян ё Боян), асбоби мусиқии забончадори пневматикӣ, гармони дастии тугмачадор бо қаторовози хроматикии пурра дар клавиатураи рост. Пеш аз Б. гармоникаи петербургии чорқатора ва «венагии» секатора пайдо шуда буд. Ба ин асбоби



мусиқӣ номи Б.-ро бори аввал с. 1907 (Петербург) ба гармоникаи чорқаторааи такмилшудаи хроматикӣ (ихтироъкунандаи он П. Е. Стерлигов ва гармоньнавоз Я. Ф. Орланский) дода буданд. Б. яке аз асбобҳои алоҳидаи якканавозии концертӣ ва оркестрӣ низ мебошад.

БАҒАЛАК, деҳа дар С. қ. Деҳқонобод, р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Съезди 22 партия». Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то район 4 км, то ст. р. о. наздиктарин (Хонақоҳ) 5 км; роҳ мошингард. Аҳол. 1009 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа магазин, пункти тиббӣ дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обёрӣ мешаванд.

БАҒДОД بغداد пойтахти Республикаи Ироқ (аз 1921), маркази маъмурии музофоти Бағдод, бандар дар соҳили д. Даҷла. Узели нақлиёти р. о., роҳҳои автомобилӣ ва ҳавоӣ. Аҳол. бо атрофаш қариб 2,8 млн наф. (1974). Б. маркази саноат, тиҷорату молиявии мамлакат. Дар Б. 25% корхонаҳои мамлакат (бофандагӣ, чарм, дӯзандагӣ ва хӯрокворӣ) ҷойгиранд. Бо ёрии техникии СССР з-ди электротехникӣ, ф-каи дӯзандагӣ ва корхонаҳои диг. сохта шуданд. Дар Б. бештар маснуоти косибӣ — пойафзол, заргарӣ истеҳсол мекунанд. Дар наздикии Б. з-ди калони маҳсулоти нефть мавҷуд аст. Дар соҳили чапи д. Даҷла маҳаллаҳои мансабдорони бонуфуз, муассисаҳои давлатӣ ва савдо, дар соҳили рост корхонаҳои саноатӣ ва г. ҷойгиранд. Аз ёдгориҳои меъморӣ мақбараи Зубайда (а. 13), корвонсарой (а. 14), қасри Аббосиён (ох. а. 12, авв. а. 13) боқӣ мондаанд. Дар Б. ун-т, АФ, Ин-ти санъати нафиса, коллеҷҳои ҳуқуқ, савдо, тиббӣ, педагогӣ, 6 музей, аз ҷумла Музеи



Бағдод. Майдон бо ёдгории аскари номаълум.

Ироқ, Музеи осори атиқаи араб, инчунин Китобхонаи оммавӣ, маркази телевизион ва радио мавҷуданд.

Б. с. 762 аз тарафи халифа Мансур (754—775) бо номи Мадинат-ус-Салом буньёд гардида, пойтахти хилофати Аббосиён шуд. Дар а. 9 маркази ҳунарманди, савдо ва маданияти асри миёнаи араб буд. Б.-ро Оли Бӯя (945), Салҷуқиён (1055) ва мӯғулҳо зери тасарруф кардаанд. С-ҳои 1393 ва 1403 Б.-ро Темур дубора хароб кард. А-ҳои 16 ва 17 Б.-ро туркҳо, форсҳо ба даст даровардаанд. С-ҳои 1638—1917 дар ҳайати Империяи Усмонӣ буд. С. 1917 Б.-ро қӯшунҳои англис ишғол карданд. С-ҳои 1921—58— пойтахти шоҳони Ироқ. 14 июли 1958 дар натиҷаи ғалабаи революция дар Б. Республикаи Ироқ эълон гардид.

БАҒЛӮН بغلان шаҳр дар Шим. Афғонистон, дар сари роҳи автомобилгарди Кобул — Хонобод. Маркази маъмурии музофоти Бағлон. Аҳол. 103 ҳаз. наф. (1970). Б. дар ноҳияи лаблабукорӣ ҷойгир буда, з-ди қанд дорад. Аз наздикии Б. д. Қундуз ҷорӣ мешавад. Дар яке аз лавҳаҳои Маъбади Сурхкӯтал (наздикии ш. Бағлон) «Бағолаго» — «ҷои муқаддас» навишта шудааст ва гӯё номи шаҳри Б. аз ҳамин ҷост.

БАҒӮШ, деҳа дар С. қ. Қозидеҳи р-ни Ишкошими ВАБК. Терр. с-зи «Бадахшон». Дар сари роҳи Хоруғ—Ишкошим. Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то район 48 км. Аҳол. 250 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, магазин ва китобхона дорад. Сокинонаш бо ғаллакорӣ (асосан ҷав, гандум) ва чорводорӣ машғуланд. Аҳолӣ аз д. Бағуш об менӯшад.

БАҚАР (ар. بقر — гов), соли дуюм баъди Муш ва пеш аз Паланг мувофиқи солгардонии қадимӣ аз рӯи мӯлҷар, ки дар бисьёр мамлакатҳо — Японня, Хитой, Эрон, Афғонистон, давлатҳои араб, Осиёи Миёна паҳн шудааст.

БАҚО дар материализми диалектикӣ, ниг. *Қонуни бақо.*

БАҚО дар тасаввуф, зинаи охирини *тариқат* ё мақоми баъди *фано.* Мувофиқи ин таълимот барои ба мақоми Б. расидан шахс бояд худро аз тамоми олоиши бандҳои дуньявӣ озод созад, аз хешу пайванд ва зану фарзанд канор гирад, омири нафси худ шуда аз куллиёти хислатҳои манфии инсонӣ даст бикашад. Дар натиҷаи ин гӯё дар табиати сӯфӣ ҷиҳати рӯҳонӣ бар ҳайвонӣ, ахлоқи ҳамида бар замима ғолиб меояд ва бо ҳамин мақоми фано ба охир расида, сӯфӣ ба мақоми Б. мерасад, бо худо мепайвандад ва чун ӯ соҳиби Б.-и абадӣ мегардад. Назарияи фаною Б. дар асрҳои миёна то андозае нисбат ба аҳкоми дин ва шариати ислом роли оппозиционӣ бозидааст. Ин таълимот урфу одат, аркони шариат, инчунин биҳишту дӯзахро инкор карда, роҳи ягонаи ба ҳақ наздикшавиро дар ишқу муҳаббат ва кӯшишу ғайрати ҳар як фарди алоҳида медид. Вале азбаски мардумро ба гӯшанишинӣ ва зӯҳду тақво даъват мекард, дар таъриҳи афкори ҷамъиятӣ роли манфӣ бозидааст. *А. Муҳаммадҳоҷаев.*

БАҚОЕВА Гулчеҳра (15. 12. 1908, Қуқанд — 17. 3. 1975, Душанбе), артисткаи советии тоҷик, Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1941). Аъзои КПСС аз с. 1939. Фаъолияташ с. 1927 дар театри сайёри Бухоро оғоз ёфта, дар Театри давлатии академии драмаи ба номи Лоҳутӣ давом мекунад. Б. дар саҳнаи театр садҳо образи занонаи ҷасуру мубориз ва софдилро офаридааст. Рольҳояш: Марина Мнищек («Борис Годунов»-и А. Пушкин, 1937), Леди Мильфорд («Макр ва муҳаббат»-и Ф. Шиллер, 1937), Ҷаннатхон («Тӯҳмат»-и С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, 1938), Қумрӣ («Қалтакдорони сурх»-и С. Улуғзода, 1941), Таҳмина («Рустам ва Сӯҳроб»-и А. Пирмуҳаммадзода ва В. Волькенштейн, 1941), Эмилия, доя («Отелло», «Ромео ва Ҷульетта»-и У. Шекспир, 1941, 1947), Огудалова («Духтари бебисот»-и А. Островский, 1948), Белина («Бемори қалбакӣ»-и Ж. Мольер, 1944), Ховархола ва Мӯҳтола («Дили модар» ва «Шаби бисту ҳаштум» Ҷ. Икромӣ, 1943, 1946), Ганна Лихта («Сӯиқасди маҳкумон»-и Н. Вирта, 1949), кампири мутаассиб Иклимбону («Саодат»-и С. Саидмуродов ва М. Рабиев, 1948), Ҷаҳонхола («Оршин-мололон»-и У. Ҳоҷибеков, 1948), Дунька («Любовь Яровая»-и К. Тренёв, 1955), Модари Ҷамила («Бой ва хизматгор»-и Ҳ. Ҳамза, 1957), Модар («Тӯй»-и С. Ганӣ, 1958) ва г. Б. рольҳои занонро дар радиопьесаҳо ва сценарияҳои телевизионӣ низ ичро кардааст. Дар дубляжи фильмҳо ба забони тоҷикӣ ширкат дошт. Б. бо 2 ордени Байраҳи сурхи меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаҳои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст. *А. Раҳимов.*

Г. Бақоева дар рольҳо: аз чап — кампири мутаассиб Иклимбону аз пьесаи «Саодат»-и С. Саидмуродов ва М. Рабиев, аз рост — гадозан аз пьесаи «Соати бурҷи Кремль»-и Н. Погодин

БАҚОЗОДА Ҳамид, (1910, Самарқанд — 1943, деҳаи Холмиҷе, РССБ), муаллим ва журналисти советии тоҷик. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шаҳид шудааст. Аз мухбирони фаъоли газетаи *«Бедории тоҷик»* ва *«Овози тоҷик»* буд, бо имзоҳои мустаорӣ «Ҷӯён», «Ҳ. Б.» менавишт. Душманони сохти советӣ, авбошу фиребгаронро ҳаҷву масхара мекард. С-ҳои 20-ум оид ба Рӯдакӣ, Лоҳутӣ ва диг. мақолаҳои публицисти навиштааст.

Аввали с-ҳои 30-юм муаллими Омӯзишгоҳи педагогии ш. Самарқанд буд. С. 1939 ба Душанбе омада, дар Ин-ти тадқиқоти илмии мактабҳо ҳодими илмӣ шуд. «Китоби дарсии забони тоҷикӣ» (грамматика ва имло, барои мактабҳои ибтидоӣ, кисмҳои 1—4, «Сарф» (ҳамроҳи Т. Зеҳнӣ, барои мактабҳои миёна, синфи панҷум, 1935), «Машқҳои имлоӣ барои мактабҳои ибтидоӣ» (1936—40) ва г. аз таълифоти ӯянд. *Ю. Акбаров.*

БАҚОИ БИНО ВА ИНШООТ, мухлати хидмати бино ва иншоот, ки дар давоми он сифатҳои қобили истифодаи бино ва иншоот вайрон намешавад. Б. б. ва и. маълани (шартӣ) ва физикӣ мешавад. Бақои маъланавӣ гуфта муддатеро мефаҳманд, ки баъди он бинову иншоот ба шароити нави истифода ё режими нави процессҳои технологӣ дигар мувофикат намекунад. Бақои физикии мухлати умумии хидмати конструкция ва унсурҳои асосии бинову иншоот (мас., девор, таҳкурсӣ ва г.) ро муайян мекунад. Аммо бакои баъзе унсурҳои конструкция ва кисмҳои бинову иншоот (деворахои тунуки мобайнӣ, бом, фарш, дару тереза ва г.) камтар буда метавонад, зеро онҳоро ҳангоми таъмири пурра иваз кардан мумкин аст.

Дар СССР се дараҷаи бақо — дараҷаи I (мӯҳлати хидмат беш аз 100 сол), дараҷаи II (50 сол) ва дараҷаи III (20 сол) муқаррар шудааст.

БАҚОЙ بقائی Муҳаммад Ориф (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва тазкиранависи а. 16 тоҷик. Б. дар Бадахшон зиста, дар с. 1588 ба таълифи китобе дар зикри шоирони форсизабон (то замони худаш) дар Андакон оғоз карда ва пас аз он ки ба Ҳиндустон рафт, онро ба номи «Маҷмаъ-ул-фузало» дар замони Акбар ба поён расонидааст. *У. Яҳьёев.*

БАҚОЙ, деҳа дар С. қ. Навобод, р-ни Регари РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Калинин. Масофа аз Б. то маркази С. қ. 800 м, то район 12 км, роҳ асфальт. Аҳол. 682 наф. (1976), тоҷикону ӯзбекҳо. Б. мактаби ибтидоӣ, магазин, пункти тиббӣ дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Шеркент обьёрӣ мешаванд.

БАҲЛА дасткаши чармини шикорӣ.

БАҲЛУЛ (ар. بهلول — гӯл, эблаҳ; лода, масхарабоз), қаҳрамони латифаю ҳикояҳои халқии форс-тоҷик мисли Талхак, Ҷӯҳа, Хоҷа Насриддин, Мулло Мушфиқӣ ва ғ. Аслан Б. писари олими маъруфи а. 8 Умари Куфӣ (ваф. 805) будааст. Халифаи Бағдод Ҳорунаррашид Б.-ро қозии Бағдод таъин карданӣ мешавад. Б. барои фикр вақт хоста, рӯзи дигар худро девона сохта, назди халифа меояд ва аъёну ашрофро дашном медиҳад. Ӯро ҷунунӣ гумон мекунанд ва ҷазо намедиҳанд. Баъди ин воқеа бисьёр нақлу ривоятҳои аҷиб ба Б. нисбат дода мешаванд. *А. Афсаҳов.*

БАҲМАН (بهمن форсии қадим — поквичдон, софдил, аз номи фариштаи Ваҳуман — ҳомии ҳайвонот ва олоти деҳқонӣ), моҳи ёздаҳуми соли шамсӣ, ба 21 янв.— 19 февр. тақвими григорӣ рост меояд.

«БАҲМАННОМА» بهمن نامه достони ҳамосии адабиёти форс-тоҷик, ки аз корнамоиҳои Баҳмани паҳлавон— писари шоҳи Эрони Қадим — Исфандиёр ба ҳам омадааст. Дар таъриҳи адабиёти форс-тоҷик ду таҳрири «Б.» маълум аст: 1) «Б.»-и Ҷамоли Меҳриҷардӣ (а. 11), 2) «Б.»-и Эроншоҳ ибни Абулхайр (ох. а. 11 ва ав. а. 12). Бо унвони «Б.» Озарии Исфароинӣ (1382—1461) низ достони тӯлоние дорад, вале ин асар бо «Б.»-ҳои анъанавӣ муносибате надорад, балки ба силсилаи Баҳманиёни Ҳиндустон бахшида шудааст. *А. Акрамов.*

БАҲМАНҶА بهمنجه Баҳман, Баҳманҷана, 1) яке аз сурудҳои маросимӣ-мавсимӣ, ки мусаннифаш Борбади Марвист. 2) Навои мусиқӣ, ки ба муносибати иди Баҳман *(Баҳманҷана)* эҷод шудааст.

БАҲМАНЬЁР بهمنیار Абулҳасан ибни Марзбон (с. тав. номаълум — ваф. 1065), машҳур ба Киёранс, файласуф, шогирди *Ибни Сино*. Б. дар асарҳояш таълимоти фалсафии Арасту, навафлотуниён ва Ибни Синоро пайравӣ намудааст. Асарҳои Б. «Ат-таҳсил», «Рисола фӣ маротиб ил-мавҷудот» («Рисола андар маротиби мавҷудот»), «Фӣ мавзӯъ-ил-илм-ил-маъруф би мобаъд-ит-табиа» («Андар мавзӯи илми маъруф ба мобаъдуттабиа»), «Китоб-уз-зинат фӣ-л-мантиқ» («Китоби зинат дар мантиқ») ба масъалаҳои муҳимми фалсафаи асримиёнагии форс-тоҷик амсоли ҷавҳар, араз, воҷибулвуҷуду имконулвуҷуд, ҳаракат, макону замон ва маърифат бахшида шудааст. «Китоб-ул-баҳҷат вас-саодат» («Китоби шодмонӣ ва хушбахтӣ») хоси масъалаҳои ахлоқ ва «Китоб фӣ-л-мусиқӣ» («Китоб андар мусиқӣ») илми мусиқӣ мебошад. «Китоб-ут-таҳсил» дар а-ҳои 11—12 чун *«Китоб-уш-шифо»* ва *«Китоб-ун-наҷот»-и* Ибни Сино мавриди истифодаи файласуфони гуногун қарор гирифта буд. «Рисола фӣ маротиб-ил-мавҷудот» ва «Фӣ мавзӯъ-ил-илм» с. 1851 аз тарафи Поппер ба немисӣ тарҷума ва нашр шудааст.

Ад.: Закуев О. К., Баҳманярын фалсафа курушлари, Бакы, 1958; История философии в СССР, т. 1, М., 1968.

У. Султонов.

БАҲМАНҶАНА بهمنجنه (рӯзи дуюми моҳи *баҳман)*, иди халқҳои эронинажод. Б.-ро дар вақти мувофиқ омадани номи моҳу рӯз (рӯзи Баҳман — 22 янв.) ҷашн мегирифтанд. Дар ин рӯз таомҳо ва нӯшокиҳои гуногун тайёр карда, ба рӯи таомҳо гули баҳман мепошиданд. Ба ҳамин ҷиҳат идро Б. меномиданд. *А. Неъматӣ.*

БАҲМӮТ (Hippopotamidae), оилаи ширхӯрони ҷуфтсум, мансуби гурӯҳи таҳтонии ҳайвонҳои ғайрижованда.



Ду авлодро, ки ҳар яке яктоӣ намуд доранд (Hippopotamus amphibius ва Choeropsis liberiensis), дарбар мегирад. Б.-и муқаррарӣ ҳайвони алафхӯри азимҷуссаи пойҳояш кӯтоҳ ва ғафс аст. Дарозии бадани калонтарин чунин Б.-и нар то 4,5 м, қадаш дар қисми китфаш 1,65 м ва вазнаш 3—4,5 т мешавад. Дар обанборҳои Африкаи Марказӣ вохӯрда, хӯрокаш аз растаниҳои обӣ ва соҳилӣ иборат аст. Яктогӣ мезояд. Б.-и дастпарвар то 50 сол умр мебинад. Б.-и либерӣ (расм) нисбат ба Б.-и муқаррарӣ хурдтар (дарозии баданаш аз 1,5 м то 1,75 м, қадаш дар қисми китфаш 1 м ва вазнаш то 240 кг) буда, ҳайвони шабгард мебошад. Ҷои зисташро зуд-зуд дигар мекунад. Дар Либерия ва Судон паҳн шудааст. Реша ва лӯндакҳои растаниҳоро меҳӯрад. Ин Б. ҳамчун ҳайвони камшумор ба «Китоби Сурх» дохил шудааст.

БАҲОВАДДИНОВ Алоуддин Маҳмудович (5. 11. 1911, Самарқанд — 23. 2. 1970, Душанбе), файласуфи советии тоҷик, доктори илмҳои фалсафа (1951), проф. (1952), акад. АФ РСС Тоҷ. (1953; аъзо-корр. аз 1951). Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1961). Аъзои КПСС аз с. 1941.

С. 1931 академияи педагогии Самарқандро тамом карда, таҳсилро дар аспирантураи академия давом дода, дар Ин-ти педагогии Самарқанд кори илмӣ-педагогӣ мебарад. Баъди хатми аспирантура ба Душанбе меояд. Муддате ёрдамчии раиси Совети Комиссарони Халқи РСС Тоҷ. буд, баъд ба кори илмӣ-педагогӣ машғул шуд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сафҳои Армияи Советӣ хизмат кардааст. Марҳилаи нави фаъолияти илмӣ-педагогии Б. аз с-ҳои 1945—46 сар мешавад. С-ҳои 1951—59 мудири Шӯъбаи фалсафаи АФ РСС Тоҷ. ва дар як вақт (1955—62) мудири кафедраи фалсафаи Ун-ти давлатии Тоҷикистон. Аз с. 1962 то охирҷ умраш директори Ин-ти таъриҳи партияи назди КМ ПК Тоҷ.— филиали Ин-ти марксизм-ленинизми назди КМ КПСС. Бо иштирок ва роҳбарии Б. «Очерки таъриҳи Партияи Коммунистии Тоҷикистон» (Душанбе, 1964, 1969) ва «Таъриҳи ташкилотҳои коммунистии Осиёи Миёна» (Тошкент, 1967) нашр шудаанд.

Б. барои тадқиқоти «Ақидаҳои фалсафии Ибни Сино» с. 1947 ба унвони номзади илмҳои фалсафа ва «Аз таъриҳи афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми а. 19 ва ибтидои а. 20» ба унвони доктори илмҳои фалсафа мушаррафӣ шуд.

Б. с. 1957 дар мактаби олии партиявии назди КМ Партияи меҳнаткашони Вьетнам материализми диалектикӣ ва таъриҳиро дарс медод ва баъдтар ин лекцияҳо ба забони вьетнамӣ чун китоби алоҳида нашр шудаанд. Иштирокчии Конгресси IV умумиҷаҳонии социологҳо дар Италия (1957), сардори ҳайати вакилони файласуфони советӣ дар конгресси социологҳои Ҳиндустон ва Покистон (1963).

Дар зарфи чорьяк аср ба тадқиқи таъриҳи фалсафа ва афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик машғул буд. Б. аввалин бор дар адабиёти фалсафии советӣ аз мавқеи марксистӣ ақидаҳои илмӣ-фалсафии Ибни Синоро таҳлил кардааст.

Тарҷума ва нашри асари Ибни Сино *«Донишнома»* ба забони русӣ саҳми бисазои Б. дар илм мебошад. Б. доир ба таҳлили ақидаҳои фалсафи

ва иҷтимоии мутафаккирон *Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Ибни Халдун,* инчунин фалсафаи *ихвонуссафо* асарҳои илмӣ нашр кардааст. Б. ба тадқиқи фалсафа ва афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии халқи тоҷик дар а-ҳои 19—20 машғул гардида ақоиди фалсафӣ-иҷтимоии асосгузори маорифпарварӣ Аҳмади *Дониш,* ҳамзамонон ва пайравони ӯ — Шоҳин, Асирӣ, Сиддиқӣ, Айнӣ ва диг.-ро тадқиқ кардааст.

Натиҷаи тадқиқоти чандинсолаи Б. доир ба таърихи фалсафаи халқи тоҷик дар «Очеркҳо оид ба таърихи фалсафаи халқи тоҷик» гирд оварда шудаанд. Дар ин очеркҳо Б. афкори фалсафӣ ва иҷтимоии халқи тоҷикро аз давраҳои қадим то а. 19 ба тариқи мухтасар таҳлил кардааст.

Дар фаъолияти илмии Б. масъалаҳои муҳими материализми диалектикӣ ва таърихӣ (алалхусус процесси чун миллати социалистӣ ташаккул ёфтани халқи тоҷик), коммунизми илмӣ ва атеизм низ мавқеи сазоворе дошт. Аҳли ҷамъияти Тоҷикистон Б.-ро ҳамчун пропагандисти шӯлавари ғояҳои марксизм-ленинизм мешинохтанд. Ӯ солҳои дароз ба ҷамъияти республикавии «Дониш» сардорӣ мекард.

Хизматҳои Б. дар соҳаи маорифи халқ, маълумоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос маълуманд. Ҳоло шогирдони сершумори ӯ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар диг. республикаҳои Осиёи Миёна ҳам бо муваффақият дар соҳаҳои гуногуни илму маданият кор карда истодаанд. Б. аъзои КМ ПК Тоҷ. ва депутати Совети Олии республика (даъвати 7). Лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1967). Бо орденҳои Ленин, Байраҳи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Выдающийся памятник философской мысли таджикского народа, «Вопросы философии», 1948, № 3; Из истории общественно-политической мысли таджикского народа, «Вопросы философии», 1951, № 3; Мутафаккири бузурги тоҷик, «Шарқи Сурх, 1952, № 6; К вопросу о консолидации таджикской нации, Сталинабад, 1957; Ибн Сина, Данишнамэ, Сталинабад, 1957; Марҳилаҳои асосии таърихи тараққиёти философия, Сталинобод, 1959; Очерк по истории таджикской философии, Сталинабад, 1961.

Ад.: Ашуров Г. А., Развитие марксистско-ленинской философии в Таджикистане, «Вопросы философии», 1967, № 5; ҳамон муаллиф, Ученый, педагог, общественный деятель, «Изв. АН Таджикской ССР, Отделение общественных наук», 1971, № 3. *Ғ. Ашуров.*

БАҲОИ ЗАМИН, системаи нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ ва аҳамияти заминҳои х. қ. *Бонитировка* ва баҳои иқтисодии заминро ҳамчун воситаҳои истеҳсолоти х. қ. дарбар мегирад. Ин қисмҳои таркибии Б. з. ба ҳам зич алоқаманд буда, вале ҳар яке дар як вақт дорои аҳамият ва системаи нишондиҳандаҳои нархгузорӣ мустақил мебошанд ва асосии *кадастри замин* ба шумор мераванд.

БАҲОИЯ بهائیه фирқаи космополитии динӣ, ки дар миёнаи а. 19 дар Ироқ ва баъди шикасти шӯриши бобиҳо (ниг. *Бобия*) дар Эрон пайдо шудааст. Б. аз лақаби асосгузораш— Мирзо Ҳусайн Алӣ Нурӣ — «Баҳоуллоҳ» (нури Оллоҳ, таҷаллии Оллоҳ), ки яке аз шогирдони *Боб* буд, гирифта шудааст. Таълимоти Б. дар «Китоби ақдас», ки онро Баҳоуллоҳ тақрибан с. 1872 таълиф кардааст ва бояд Қуръон ва «Баён»-и Бобро ивоз менамуд, ифода ёфтааст. Б. унсурҳои демократии таълимоти бобия, муборизаи революционирорад ва манфиати буржуазияи компрадорро ҳимоя намуда, созиши синфҳо, дахлнопазирии моликияти хусусиро тарғиб менамояд. Космополитизми Б. дар талаби ташкили давлати ягонаи ҷаҳонӣ, забони ягонаи ҷаҳонӣ (англо-саксӣ), дини ягонаи умумиинсонӣ ифода ёфтааст. Б. ба ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, зиддиимпериалистии халқҳо, мавҷудияти сарҳадҳои давлатӣ муқобил мебарояд. Б. таассуби диниро рад ва созишро бо диг. динҳо тарафдорӣ намуда, аҳкоми дини исломро рад мекунад. Б. асосан дар мамлакатҳои Шарқи Наздик, Европаи Ғарбӣ ва ШМА паҳн шудааст. Ҳоло ба ташкилотҳои Б. наберааи Баҳоуллоҳ Шавқи Раббонӣ роҳбарӣ мекунад. Дар СССР ташкилоти Б. дар солҳои аввали ҳокимияти советӣ дар Ашқобод вуҷуд дошт, вале он дар рафти сохтмони социалистӣ фаъолияти худро қатъ кард. *Р. Маҷидов.*

БАҲОР بهار Муҳаммадтақии Маликушшуаро (7. 11. 1886, Машҳад — 21. 4. 1951, Теҳрон), шоир, олим, журналист ва арбоби ҷамъиятии Эрон. Саводи ибтидоиро дар назди падараш Маликушшуаро Муҳаммадкозим и Сабурӣ бароварда, таърихи адабиёти форс ва арабро дар ҳузури *Адиби Нишопурӣ* омӯхтааст. Дар навраси марсияҳои динӣ ва мадеҳа месуруд. С. 1904 соҳиби унвони маликушшуарои шуд. Дар Рев. 1905—11 Эрон иштироки фаъолона дошт. Мустазоди «Кори Эрон бо худ ост» (1905) ва қасидаи «Сӯи Ландан гузар, эй пайки насими саҳарӣ»-и ӯ (1910), ки ба танқиди иртичои дохилӣ ва сиёсати мустамликадорони англис равона шудаанд, хеле шӯҳрат ёфта буданд. Аз с. 1909 то 1921 бо таътилҳои гуногунмуддат газетаи «Навбаҳор»-ро нашр мекард, ки равияи демократӣ дошт. Аз с. 1914 сокини Теҳрон. Намояндаи даъватҳои 3, 4, 5, 6 ва 15-уми Маҷлиси Шӯрои Миллии Эрон. С. 1918 анҷуманҳои адабии «Донишкада» ва бо ҳамин унвон журналеро таъсис дод, ки зиёда аз як сол вуҷуд дошт ва дар ҳаёти адабии онвақтаи Эрон роли мусбат бозид. С. 1919 муддате муҳаррири газетаи нимрасмии «Эрон» буд. Барои ашъори сиёсиаш борҳо ба мӯҳлатҳои гуногун ҳабс (1916, 1929, 1932) ва бадарга (1911, 1916, 1933) шудааст, ки маспавии «Корномаи зиндон» (дар пайравии «Корномаи Балх»-и Саноӣ) ва ҳабсиятҳои дар пайравии *Масъуди Саъди Салмон* сурудааш маҳсули ҳамон давраҳоянд. Аз с. 1934 муаллими забон ва адабиёти форсӣ ва аз с. 1935 проф. Ун-ти Теҳрон. С. 1945 ба Иттифоқи Советӣ омада, баъди бозгашт қасидаи «Ҳадьяи Боку»-ро навишт, ки натиҷаи таассуроти мусбати шоир аз сафар аст. С-ҳои 1943—47 раиси комиссияи адабиёт дар назди Ҷамъияти робитаҳои мадании Эрон бо СССР. Дар солҳои охири умраш роҳбарии Ҷамъияти эронии тарафдорони сулҳро ба ӯҳда дошт. Асари охирини ӯ — «Ҷуғди ҷанг» (1951) дар Эрон ба гимни тарафдорони сулҳ табдил ёфта буд.

Б. қариб дар тамоми қолабҳои шеъри классикии форс-тоҷик зиёда аз 36000 байт боқӣ гузоштааст. Дар қасида пайравии *сабки хуросонӣ* ва дар ғазал пайравии *сабки ироқӣ* буд, маснавиҳояш дар пайравии Саноӣ ва Низомӣ суруда шудаанд. Шеърҳои «Мурғи шабоҳанг», «Кабӯтарони ман» ва монанди инҳо, ки дар қолаби чаҳорпораҳо ва бо қофияи якдармиён навишта шудаанд, аз навҷӯиҳои шоиранд. Б. яке аз аввалин шоирони муосири Эрон буд, ки шеърро аз дарбор ба миёни мардум кашид, ба қолабҳои анъанавӣ мазмунҳои замонавӣ ворид кард ва бо ҳамин яке аз саромадони равияи демократии назми муосири Эрон гардид.

Б. дар адабиётшиносии Эрон низ хизмати арзанда дорад. Асари сеҷилдаи «Сабкшиноси», ки ба таърихи инкишофи насри форсӣ оид аст, рисолаҳои «Шеъри дари Эрон», «Рисола дар шарҳи ҳоли ҳаким Абулқосими Фирдавсии Тӯсӣ», «Рисола дар аҳволи Монӣ» аз осори муҳимми илмии Б. мебошанд. «Таърихи Систон», «Таърихи Балъамӣ», «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас», инчунин «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Авфиро низ бори аввал Б. бо тасҳеҳу ҳавошӣ ба чоп тайёр кардааст. Аз паҳлаи «Ёдгори зарирон», «Рисолаи мотигони шатранг» ва як қатор ашъори парокандаро ба форсӣ гардондааст.

Ас.: Мунтахаботи ашъор, Сталинобод, 1958.

Ад.: Шомухаммедов Ш., Маликушшуаро Баҳор, Тошкент, 1967, Абдуманнонов А., Оид ба баъзе анъанаҳои назми асрҳои X—XI дар ашъори Маликушшуарои Баҳор, «Ахбороти шӯъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон», 1974, № 3.

А. Абдуманнонов, Ч. Додалишоев.

БАҲОР بهار Рой Лало Текчанд (с. тав. номаълум — вафт. 1766, Деҳли), луғатнависи форсизабони Ҳиндустон. Бо таълифи фарҳанги тафсирии *«Баҳори Аҷам»* (соли итмомаш 1739, чо-

пи аввалаш 1866) машҳур гардидааст. Ғайр аз «Баҳори Аҷам» осори зерин низ ба қалами Б. тааллуқ дорад: «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» — рисола доир ба ҳуруфи таҳаҷҷӣ (ҳарфҳои алифбо) (чопи Коппур, 1850), «Наводир-ул-масодир» — рисолае доир ба масдарҳову феълҳои форсӣ (чопи Деҳлӣ, 1855) ва «Баҳори бӯстон» — шарҳи «Бӯстон»-и Саъдӣ. Б. дар дарбори шоҳони Деҳлӣ хизмат карда унвони Рой ё Роҷаро дарьёфтааст.

БАҲОР, ниг. *Фаслҳои сол.*

БАҲОР, деҳа дар С. қ. Баҳори р-ни Орҷоникидзеобод, РСС Тоҷ. Дар сари роҳи мошингарди Душанбе—Орҷоникидзеобод воқеъ аст. Терр. к-зи «Ленинград». Аз Б. то маркази С. қ. 1 км, то район 3 км. Аҳол. 898 наф. (1976), тоҷикон, ӯзбекҳо. Клуб ва магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ, обҷакорӣ. Заминҳо ба воситаи канал аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

БАҲОРГӮЛ (Erianthis longistipitata), гиёҳи бисьёрсола аз *чакамуғиҳо.* Баландиаш аз 3 то 30 см, 1 ё 2 барги панҷашакли аз бехи поя нумӯёбанда, гулбарги зард, мевабаргаи нӯктез, тухми чиндори сабзтоби бӯр дорад. Февр. — май шукуфта, мева мекунад. Бештар дар баландии 750—2000 м аз с. б. меруяд. Дар Эрон ва СССР (Осиёи Миёна), аз ҷумла РСС Тоҷ. (қ-кӯҳҳои Қурама, Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, кӯҳи Муғул (Меваҳгул) ва мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ паҳн шудааст. Дар тибби халқ бехи онро ба касалиҳои пӯст тарбандӣ мекунанд. Решааш алкалоид дорад. Дар гулпарварӣ тавсия шудааст. *З. Қурбонбеков.*

«БАҲОРИ АҶАМ» بهار عجم фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикӣ. С. 1739 аз тарафи Рой Лоло Текчанд *Баҳор* таълиф шудааст, ки бештар аз 2500 моддаи фарҳангӣ дорад. Дар «Б. А.». калимаю ибораҳои мустаъмали забони форсӣ-тоҷикӣ маънидод шудаанд. Воҳидҳои шарҳёбанда мувофиқи тартиби ҳуруфи алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҷой дода шудаанд. «Б. А.» дар забони тоҷикӣ нахустин фарҳангест, ки миқдори зиёди ибораҳои устувору фразеологӣ ва маҳалли зарбулмасалҳоро низ дарбар гирифтааст. Соҳиби фарҳанг дар шарҳи луғот аз осори 770 шоиру нависандаи пешинаю муосири ҳуд ва диг. сарчашмаҳои хаттӣ мисол овардааст. «Б. А.» се чопи сангӣ дорад: с. 1866 дар ҳошияи *«Ғиёс-ул-луғот»* ва с-ҳои 1879, 1895 алоҳида. *А. Сангинов.*

«БАҲОРИ ДОНИШ» بهار دانش асари Иноятуллоҳи Канбу, ки с. 1670 таълиф шудааст. «Б. Д.» ба услуби ҳикоят андар ҳикоят тартиб ёфта, аз ҳикояву афсонаҳои халқии ҳиндию эронӣ ва ҳикоятҳои оригиналии худи Канбу фароҳам омадааст. Ҳикоёту қиссаҳои мутафарриқа ба туфайли саргузашту муошиқати шоҳзода Ҷаҳондорсултон ва Баҳраварбонуи соҳибҷамол ба ҳам марбут гардида, силсилаи воқеоти аҷиб ва ғариби асарро ба вуҷуд овардаанд. «Б. Д.» як намунаи барҷастаи насри бадеии муншиёнаи адабиёти форс-тоҷик аст, ки дар Ҳиндустон ба вуҷуд омадааст. Муаллиф дар таснифи он такаллуфоти зиёде ба кор бурда, қариб ҳар маъниро ба чанд таъбир, бо саҷъу тародуф ва амсоли ин адо кардааст. «Б. Д.» ҳам дар байни оммаи мардум ва ҳам миёнаи аҳли адаб шӯҳрати тамом дошта, ҳамчун намунаи балиғи насри бадеи китоби дарсии мактабу мадраса буд. «Б. Д.» чандин маротиба ба табъ расида, дар а. 18 Ҳасаналии Иззат ном шоире онро ба риштаи назм кашидааст. Дар ибтидои а. 19 Муҳаммад Исмоил Мирзои Бухорӣ ном шахсе «Б. Д.»-ро ба забони ҳиндӣ назм кардааст. Аз миёнаҳои а. 18 сар карда ба забонҳои европоӣ роҳ ёфтааст. Ҳоло тарҷумаи англисӣ, немисӣ ва франсавиаш маълум аст. Тарҷумаи пурраи русии «Б. Д.» (тарҷумаи Муҳаммаднурӣ Усмонов) с. 1964 нашр ёфт. *Ю. Салимов.*

БАҲОРИСТӮН, деҳа дар С. қ. Пахтаободи р-ни Восеъ, вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Коммунизм». Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то район ва ст. р. о. камбари Тӯгарак 9 км, роҳ асфальт. Аҳол. 509 наф. (1976), тоҷикон. Б. мактаби 8-сола, китобхона, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ—пахтакорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо аз д. Яхсу ва пармачоҳҳо обьёрӣ мешаванд. Дар наздикии деҳа вайронаҳои қалъаи Золи Зард боқӣ мондааст.

«БАҲОРИСТӮН» بهارستان асари ахлоқию тарбиявии Абдурраҳмони Ҷомист, ки с. 1487 дар пайравии *«Гулистон»*-и Саъдии Шерозӣ чун китоби дарсӣ барои писараш Зиёуддин Юсуф таълиф кардааст. «Б.» аз муқаддима ва ҳашт боб (равза) иборат. Боби 1) саргузашти орифон, 2) ҳикмати бузургон, 3) саргузашти подшоҳон, адолат ва ахлоқи неки онҳо), 4) тарғиби саховатмандӣ, 5) ҳикоятҳои шавқангези ишқӣ, 6) мутоибаҳои шӯҳи сафобахш, 7) шеър, пайдоиш ва ҳусну кубҳи он (дар ин боб оид ба 37 адиби номдори а-ҳои 10—15, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Навоӣ ва ғ. маълумот ҳаст), 8) — ҳикоятҳои тамсилиро дарбар гирифтааст. «Б.» аҳамияти калони тарбиявӣ дорад, дар ҳонанда ахлоқи некро мепарварад, забонаш фаҳмо, аз таъбиру ибораҳои халқӣ саршор, бо насри мусаҷҷаъ ва назм нигошта шудааст. «Б.» ба забони лотинӣ (1778), немисӣ (1846), англисӣ (1837 ва 1899), туркӣ (1858), франсавӣ (1924), русӣ (1935 ва 1964), чехӣ (1957), озарбойҷонӣ (1964) тарҷума шуда ба табъ расидааст.

Нашр: Баҳористон, Д., 1966.

А. Афсаҳзод.

БАҲОРИЯ بهاريه як намуди лирика, ки бештар дар шакли ғазал, мусаммат ва муқаддимаи қасидаҳои мадҳӣ гуфта мешавад. Дар Б. фаро расидани фасли баҳор, зинда шудани табиат, мавсими гулу лола, хониши мурғон, оғози кишту кор ва монанди инҳо васф мешаванд. Қисми зиёди Б.-ҳо ба тасвиру тавсифи *Наврӯз* — ҳамчун оғози соли нав бахшида шудаанд. Беҳтарин намунаи Б. дар ашъори Рӯдакӣ, Робиаи Балхӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва диг. шоирон ба назар мерасад. Офаридани Б. ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам дар адабиёти советии тоҷик анъана шудааст. Баъзе шоирон барои табрики дӯстону ҳамкорони ҳуд ба муносибати соли нав шеърҳои Б. менавиштанд. Намунаи ин навъи Б. дар адабиёти советии тоҷик «Насими баҳорӣ» ном шеъри Пайрав аст. *С. Давронов.*

БАҲОРӢ Абдумалик (фам. Раҳмонов; тав. 22.3.1927, Хуҷанд), шоир, драматург ва насрнависи советии тоҷик. Аъзои КПСС аз с. 1947. Аз оилаи бофанда. Ин-ти педагогии Ленинободро (1946) хатм кардааст. Б. дар вазифаҳои муҳаррири газетаи «Пионери Тоҷикистон», ҷонишини муҳаррири газетаи «Тоҷикистони Советӣ», муҳаррири журнали «Садои Шарқ» кор кардааст. Аз с. 1975 мушовири адабии ИН Тоҷ. Шеърҳояш аз с. 1946 чоп мешаванд. Ашъораш дар маҷмӯаи «Саҳнаи қаҳрамонӣ» (1951), «Таронаи мулки озод» (1953) гирд омадаанд. Достони «Сарахбори зиндагӣ» (1959) ба синфи коргар бахшида шуда, достонҳои бачагонаи «Ошноҳо» (1954), «Рӯбоҳ ва гург» (1957) дар асоси афсонаҳои тоҷикӣ навишта шудаанд. Маҷмӯаҳои «Одамони шинос» (1958), «Дили беқарор» (1962), «Пеш аз тӯй» (1964), «Ҷавоби ошиқ» (1965), «Садоқат» (1970) беҳтарин шеъру ҳикояҳои Б.-ро дарбар гирифтаанд. Як миқдор асарҳои Б. барои бачагон таълиф шудаанд («Дар оғӯши мактаб», 1955; «Қарзи ҷӯраги», 1956; «Ҳикояҳо», 1961; «Ба сӯи моҳ», 1962). Чанд қиссаи насрии фантастикӣ: «Ҷасорати доктор Мансур» (1969), «Мулокот» (1971), «Аҷоиботи Нодар» (1972), «Бозгашт» (1972), «Сунбула» (1974) ва пьесаҳои «Роҳи сафед» (1962),

«Ишқи мансабдор» (1964), «Қасос» (1965), «Рӯзи таваллуд» (1970), «Фармони Кадушоҳ» (1970), «Се нафар хушдор» (1972), «Меҳмони серӯза» (1975) низ ба қалами Б. тааллуқ доранд. Асарҳои Б. ба забонҳои русӣ ва диг. халқҳои СССР тарҷума шудаанд. Як миқдор асарҳои А. Носов, шеърҳои бачагонаи С. Михалков, С. Маршак, асарҳои ҷудогонаи М. Лермонтов, А. Чехов, К. Федин, А. Сурков, В. Пшавела, А. Қаҳҳор ва П. Бровкаро тарҷума намудааст. Аз с. 1950 узви ИН СССР. Бо ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БАҲОУДДИНИ ВАЛАД بهاءالدین ولد Муҳаммад Ҳусайни Хатибӣ, мулаққаб ба Султон-ул-уламо, (1149, Балх — 1232, Қуния), мутафаккири мутасаввифи форс-тоҷик, падари *Ҷалолуддини Румӣ*. Таҳсили илмро аввал дар зодгоҳаш гузаронида, баъд барои омӯхтани тиб ба Хоразм назди Имомуддин ном табиб меравад. Барои эмин шудан аз хавфи ҳуҷуми мӯғул аввал ба Самарқанд ва аз он ҷо с. 1220 бо оилааш ба Қуния ҳиҷрат карда, поёни умраш дар он ҷо гузаронидааст. Б. В. зимни фаъолияти илмӣ дар мадрасаи Худовандгори Қуния дарс мегуфтааст.

Асари ӯ «Маориф» ба ҳалли масъалаҳои тасаввуф — ишқ, сулук, маърифат, фаною бақо ва фалсафӣ—ҳастӣ, аҳсоми он, ҳаракат, инсон, нафсу рӯҳ, ҷабру қадр ва амсоли он бахшида шудааст. Дар ташаккули ҷаҳонбинии Б. В. нақши таълимоти Аҳмади *Ғазолӣ*, Фаридуддини *Аттор*, Абулмаҷди *Саной* зиёд аст. Б. В. масъалаи асосии фалсафаро аз мавқеи и д е а л и з м и о б ъ е к т и в ӣ ҳал менамояд, зеро, ба қавли ӯ, асоси оламро ҳастии мутлақ, маъшуқи ғайбӣ, вуҷуди бешаклу сурат ва ғайримоддие ташкил мекунад, ки он ҳасткунандаи нестиҳо буда, сарчашмаи ҳаёт аст. Б. В. мавҷудияти олами моддиро низ қоил аст, аммо дар таълимоти ӯ ин олам маҳсули ҳастии мутлақ мебошад. Дар таъбири масъалаи ҳаракат низ Б. В. идеалист аст, зеро ӯ бо вуҷуди ҳама чизро дар ҳаракат дидан, манбаи ҳаракатро аз ҷисми ҳаракаткунанда берун меҳисобад. «Ҳар ҳаракату ҷунбише, ки мебинем, дастест, ки онро ба роҳ андохта».

Б. В. доништашаванда будани оламро умуман қоил аст, аммо ба қавли ӯ, ҳавоси зоҳиру ботин танҳо олами моддиро дониста метавонад. Ақлу ҳис дар маърифати ҳақиқати мутлақ нотавон аст, зеро вуҷуди вай ғайримоддист. Б. В. инсонро низ монанди аҳсоми дигари ҳастӣ маҳсули ҳастии мутлақ шуморида, вуҷуди ӯро аз омезиши нафсу рӯҳ иборат медонад. Ҳалли масъалаи таносуби нафсу рӯҳ дар таълимоти Б. В. шакли идеалистиро гирифтааст, зеро вай монанди Фаридуддини Аттор, Абулмаҷди Саной чизи идеалиро (рӯҳ) бар чизи материалӣ (нафс) муқаддам шуморида, онро абадию фанонопазир меҳисобад. Б. В. дар масъалаи ҷабру қадр озодии иродаро қоил буда, ҷабриёну қадариёнро дар ифроти ин масъала танқид кардааст. Ӯ ҳамчунин баробарии динҳоро эътироф карда, ба ин васила даъвои ҳомиёни исломро дар бораи ягонаю барҳаق будани дин ва каломи муқаддасашон инкор намудааст. Таъсири ақидаҳои Б. В. дар ташаккули ҷаҳонбинии файласуфи форс-тоҷик, писараш Ҷалолуддини Румӣ бузург аст.

Ад.: عبدالرحمان جامی، نفحات الانس، تهران، ۱۳۳۶ ه. ش. محبوب سراج، مولانای بلخی و پندش، کابل، ۱۳۴۰.

М. Диноршоев, М. Султонов.

БАҲОУДДИНИ МАРҒИНОНӢ بهاءالدین مرغینانی (с. тав. номаълум — ваф. 1271), шоири форс-тоҷик. Мероси адабиаш пурра боқӣ намондааст. Баъзе шеърҳояш дар сафинаҳои қадима ва тазкираҳо боқӣ мондаанд. Қасидаҳои ӯ бо оҳанги зиддизамониашон аз қасидаҳои баъзе ҳамзамононаш фарқ доранд. Шоир ба воситаи тасвири аҳволи фоҷеаноки худ аз вазъияти ҳузновари олимон ва адибони давраи мӯғул ҳикоят мекунад. Б. М. ба туфайли фазлу дониш ба дарачаи вазирии яке аз хонҳои давр — Яйсу расидааст. Муаллифи «Таърихи ҷаҳонкушой» Ҷувайнӣ, ки ҳамзамони Б. М. буда бо ӯ ҳамсӯҳбат шудааст, аз нохушии зиндагии шоир хабар дода, навиштааст, ки «Ҳабаш Амид аз авҷи эътибор ва рутбаи Б. М. рашк бурда, дар дил кина мепарварид ва баъди аз хонӣ барафтодани Яйсу Б. М. қурбони ҳасади аҳли дарбор гардид».

С. Саъдиев.

БАҲОУДДИНИ НАҚШБАНД بهاءالدین نقشبند Муҳаммад ибни Муҳаммади Бухорӣ (1309 Бухоро — 1389, ҳамон ҷо), асосгузори силсилаи *нақшбандия*и тасаввуф, шогирди хоҷа Бобои Самосӣ ва Амири Кулол. Аҳволу осори Б. Н. дар асарҳои шогирдонаш Хоҷа Муҳаммад Порсо — «Мақоми Хоҷа Баҳоуддин», Абулҳасан Муҳаммад Боқӣ—«Мақомоти Баҳоуддин» ва Мавлоно Яъқуб ибни Усмони Чархӣ — «Мухтасар дар баёни силсилаи нақшбандия» гирд оварда шудаанд. Ба ташаккули ақоиди Б. Н. таълимоти *Абдулҳолиқи Ғиҷдувонӣ* таъсири зиёд расондааст. Б. Н. тарғиб мекард, ки ҳар кас бояд аз касбу хор баҳра барад ва «ба зоҳир бо халқу ба ботин бо ҳақ» бошад. Аз як тараф, ӯ дар таълимоти худ аз ақидаҳои исломӣ ва расмӣ ва баъзе мутафаккирони тасаввуф, монанди *Мансури Ҳаллоҷ* дурӣ меҷуст, ба зӯҳду тақво зид мебаромад ва ин ақидаҳояшро ба воситаи ҳашт принципи асосии худ «хилват дар анҷуман», «сафар дар ватан», «ёдкард», «ёддошт», «хуш дар дам», «назар бар қадам», «бозгашт», «нигоҳдошт» паҳн менамуд. Аз тарафи диг. вай *шариат*ро ҳимоя карда, сарфи назар кардани гуфторҳои пайғамбарро гуноҳ медонист. Шахсияти Б. Н. мисли диг. бузургони тасаввуф дар адабиёти динӣ таҳриф шуда, бисьёр «каромот» ба ӯ нисбат дода мешавад, ки аз нуқтаи назари илмӣ асосе надоранд.

А. Муҳаммадҳоҷаев.

БАҲОУДДИНИ ОМИЛӢ بهاءالدین عاملی (1546, Баълабак, Сурия — 1622, Исфаҳон), маъруф ба Шайх Баҳоӣ, математик, астроном ва шоири форс-тоҷик. С-ҳои 1556—57 падараш ба Эрон муҳоҷират кард ва Б. О. дар он ҷо ба камол расид. Дар Исфаҳон аз Афзалии Қозӣ ва Алии Музаффиб физика, математика ва астрономияро омӯхт. Ба Хуросону Самарқанд, Ироқу Макка ва Сурия сафар кард. Б. О. беш аз 88 китобу рисола таълиф кардааст. Муаллифи маснавиҳои «Нону ҳалво» ва «Ширу Шакар» мебошад. Оид ба математика ва астрономия 10 рисола навиштааст. Рисолаи «Хулосат-ул-ҳисоб», ки ба ҷуз қоидаҳои арифметика қоидаҳои геометрияю алгебраро низ дарбар мегирад, то а. 19 дар Эрону Ҳиндустон ва Осиёи Миёна китоби дарсӣ ба шумор мерафт. Асари мазкур ба забонҳои арабӣ (1812), немисӣ (1843) ва франсавӣ (1846) тарҷума ва нашр шудааст. Чанде аз осори Б. О. дар китобхонаҳои СССР ва давлатҳои хориҷа маҳфузанд, ки «Баҳр-ул-ҳисоб», «Ташреҳ-ул-афлок», «Рисолаи манзум дар илми ҳайат», «Масоил фӣ-л-ҳайа» («Масъалаҳои астрономия»), «Ҳафтод боб дар устурлоб» аз қабили онҳост.

БАҲОУДДИНИ САМАРҚАНДӢ بهاءالدین سمرقندی (с. тав. номаълум — ваф. 1140), ҳуқуқшиноси форс-тоҷик. Б. С. ба асари Ҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммади Таҳовӣ (843—933) «Алмухтасар фӣ-л-фиқҳ» («Мухтасар оид ба фиқҳ») шарҳ навиштааст. Шарҳи навиштаи Б. С. дар китобхонаи ш. Истамбул маҳфуз мебошад.

У. Назиров.

БАҲР, қисми каму беш бо хушкӣ ва ё бо баландиҳои рельефи заминӣ ҷудо ва ҳ. Олам, ки асосан бо режими гидрологӣ, метеорологӣ ва иқлими худ аз қисми кушоди ҳ. ҳ. фарқ мекунад. Б. нисбат ба ҳ. ҳ. мавқеи канорӣ дошта, ҳарчи қадар бо хушкӣ иҳота бошад, аз ҳ. ҳ. ҳамон қадар ҷудо шуда меистад. Шартан баъзе қисми кушоди ҳ. ҳ. ро низ Б. меноманд (мас., б. Саргас дар қисми шим. ҳ. Атлантик ва б. Филиппин дар қисми ғарбии ҳ. Ором). Баъзе кӯлҳоро Б. (Арал, Майит) ва баъзе Б.-ҳоро халиҷ (Гудзон, Мексика, Форс ва г.) меғӯянд. Б.-ҳо мувофиқи иҳота шудану хусусиятҳои режими гидрологиашон ба 3 гурӯҳ тақсим мешаванд: *баҳрҳои доҳилӣ, баҳрҳои канорӣ* ва *б.-ҳои байниҳазиравӣ*. Б.-ҳои доҳилиро мувофиқи мавқеи географиашон баъзан ба баҳрҳои байнематерикӣ ва доҳилиматерикӣ

терикӣ тақсим мекунанд. Аз нуқтаи назари геология, Б.-ҳои ҳозира хеле ҷавон буда, ҳаман онҳо қариб дар намуди ҳозираашон танҳо дар давраи палеоген — неоген ва комилан дар давраи антропоген пайдо шудаанд. Б.-ҳои нисбатан чуқур дар кафидаҳои калони қишри Замин пайдо шудаанд (Баҳри Миёназамин). Б.-ҳои хурд дар натиҷаи канори материкҳоро пахш кардани уқ. Олам (дар вақти фурӯ нишастани онҳо, ё баланд шудани сатҳи оби уқьёнус) ба вуҷуд омадаанд; онҳо одатан дар тунукобаҳои материкҳо ҷойгиранд. Иқлими Б. ба қадри бо хушкӣ иҳота будани он вобаста буда, бо хусусияти кам ё беш континентии худ фарқ мекунад. Ин хусусан ба пасту баланд шудани ҳарор. мавсимии ҳаво ва сатҳи болои об таъсир мерасонад. Дараҷаи шӯрии оби баҳр ба таносуби дохил (ҷорӣ шудани миқдори оби дарьё, боришот, об шудани ях) ва хориҷшавии (бухор шудан ва ях бастани) оби ширин вобаста аст. Дар оби Б. ҷараёнҳои циклонӣ бештар ҷой доранд. Сабаби ин ҳукмронии системаи циклонии бодҳо дар сатҳи Б. ва дар зери таъсири қувваи гардиши Замин ба тарафе ҷоришавии обҳои материкист. Олами органикии Б. нисбат ба олами органикии қисмҳои кушоди уқьёнус хеле бой ва гуногун аст.

Ад.: Шокальский Ю. М., Океанография, 2 изд., Л., 1959; Леонов А. К., Региональная океанография, т. 1, Л., 1960.

БАҲР بحر 1) дар *арӯз* гурӯҳи вазнҳои шеър, ки таҳти як номи умумӣ меоянд. Б. аз ҳашт рукни асосии арӯз: фаӯлун, фоилун, мафоилун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, мафоилатун ва мутафоилун ҳосил мешавад. Ин ҳашт номи шартӣ аз калимаи арабии фаала (кор кард) сохта шуда, чун ченаки шеър ба кор меравад. Дар асоси ин ҳашт рукн 19 Б. ба вуҷуд омадааст: ҳазаҷ, рамал, рачаз, мутақориб, мутадорик, қариб, музореъ, мушокил, ҷадид, хафиф, муҷтас, сареъ, мунсареҳ, муқтазаб, вофир, комил, тавил, мадид ва басит. Б.-ҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: а) Б.-ҳои аслӣ — Б.-ҳое, ки рукни махсус доранд: ҳазаҷ-мафоилун, рамал-фоилотун, рачаз-мустафъилун, мутақориб-фаӯлун, мутадорик-фоилун, вофир-мафоилатун, комил-мутафоилун; б) Б.-ҳои фаръӣ (ғайриаслӣ) — Б.-ҳое, ки рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукнҳои солим ва зиҳофи Б.-ҳои аслӣ ба вуҷуд меоянд. Б.-ҳои фаръӣ вобаста ба иштироки зиҳофҳои макфуф, махбун ва матвӣ ба се ҳисса тақсим мешаванд: аз Б.-ҳои ҳазаҷу рамал (ба воситаи зиҳофи макфуф) се баҳр — қариб, музореъ, мушокил; аз рамалу рачаз (ба воситаи зиҳофи махбун) — ҷадид, хафиф, муҷтас; аз рачазу рукни чорум — мафъӯлоту (ба воситаи зиҳофи матвӣ) — сареъ, мунсареҳ ва муқтазаб ба вуҷуд меоянд. Аз 19 Б. 11-тоаш (ҳазаҷ, рамал, рачаз, мутақориб, мутадорик, музореъ, хафиф, муҷтас, сареъ, мунсареҳ, муқтазаб) байни арӯзи арабу арӯзи форс-тоҷик муштарак буда, 5-тои он (тавил, мадид, басит, вофир, комил) фақат дар арӯзи араб ва 3-тоаш (қариб, ҷадид, мушокил) танҳо дар арӯзи форс-тоҷик истифода шудааст.

2. Дар назарияи мусиқии тоҷик, шакли ифодаи мизон, зарб ва намунаи қаторовозҳо. Дар ин ҷо қаторовози якоктавагии диатоникӣ аз зинаи якум то зинаи панҷум ба дараҷаи кварта расида, бо ҷорзинагӣ ҷудо мешавад. Ҳар як тетрахордро низ Б. меноманд. *Маҳмуди Шерозӣ* ва Зайнулобидини Ҳусайнӣ дар рисолаҳои мусиқии худ 5 намуди Б.-ро бо нишонаҳои ҳарфӣ ифода намудаанд. Аҳамияти Б. дар мусиқии халқҳои Шарқ, хусусан, мусиқии тоҷик дар он аст, ки вай роҳи пайдошавии 5 намуди тетрахордҳои (ҷинсҳои) пардаҳоро нишон медиҳад. Аз онҳо Б. 1—миксолидий, Б. 2 — эолий, Б. 3 — гипофригий, Б. 4 — ионий, Б. 5 — дорий аз тетрахордҳое, ки қисмати поёнии ин пардаҳоро ташкил медиҳанд, иборат аст. Маълум, ки пардаҳо аз ду тетрахорд ва интервали (фосилаҳои) секундаи калон ё ки аз якҷояшавии пентахорду тетрахорд ба вуҷуд меоянд. Моҳияти асосии Б. ҳам дар ҳамин аст.

Ад.: Сирус Б., Арӯзи тоҷикӣ, Д., 1963; Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т., Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ, Д., 1966; Зеҳнӣ Т., Санъати сухан, Д., 1967.

С. Давронов, И. Раҷабов.

БАҲРАЙН البحرين, давлат дар қисми Ҷ. Ғ. хал. Форс, дар галаҷаз. Баҳрайн ва ҷаз-ҳои Ховар. Масоҳ. 598,3 ҳаз. км². Аҳол. 272,4 ҳаз. наф. (1976), асосан арабҳо; эрониён, ҳиндуён ва покистониҳо низ зиндагӣ мекунанд. Аксарияти диндорон мусулмонанд. Забони давлатӣ — арабӣ. Пойтахташ Манама, аҳол. тақр. 170 ҳаз. наф. (1976). Сардори давлат амир. С. 1973 нахустин конституция қабул карда шуд. Ба ҳайати Б. зиёда аз 20 ҷазира дохил мешавад, ки калонтаринаш Баҳрайн аст. Иқлими Б. тропикии ба субтропикӣ ивазшаванда. Ҳарор. миёнаи янв. 16° С, июль—авг. 37° С; боришот соле қариб 90 мм. Б. аввалин бор дар ҳазорсолаи 3 то м. ёдоварӣ мешавад. Дар ибтидои эраи мо Б. дар ҳайати давлати арабҳо буд. Дар а-ҳои 4—6 ба ҳайати давлати Сосониён, баъдтар ба Хилофати араб гузашт. Аввали а. 9 Б.-ро қарматҳо забт карданд. Дар а. 13 Б. истиқлолият ба даст овард, вале дере нагузашта ба аморати Ҳурмуз ҳамроҳ карда шуд. Дар аввали а. 16 Б.-ро португалиҳо забт карданд, баъди зада пеш кардани онҳо дар чорьяки 1 а. 17 ба ҳайати Эрони сафавӣ дохил шуд.

Дар солҳои 80 а. 18 шайхҳои араб Б.-ро мустақил эълон карданд. Аз аввалҳои а. 19 ба Б. Британияи

БАҲРАЙН
13 0 13 км
Ховар
Мухаррак
Манама
Сулмон
Ситра
Маламир
Ал-Ҳидд
Ал-Ҳаммам
Ал-Ҳаллоҳ
Ал-Ҳаллоҳ
Ҷаз. Ховар
Ҷаз. Ҷидда
Ҷаз. Ҷидда
Ҷаз. Ҷидда

(Шри-Ланка), Бамбай (Ҳиндустон), Карочӣ (Покистон), Адан (РХДЯ).

БАҲРИ ЗАРД, Хуанхай, баҳри нимкушоди уқ. Ором дар соҳилҳои шарқии Осиё, дар ғарби нимҷаз. Корея. Масоҳ. 417 ҳаз. км², чуқуриаш то 105 м. Соҳилҳояш дар Шим. ва Ғ. асосан паст, дар Ш. баланд, шахдор ва каҷу килеб. Халиҷҳои калонаш: Ляодун, Бохайвань ва Кореяи Ғарбӣ. Ба Б. З. д-ҳои калони Хуанхэ, Хайхэ, Ляохэ, Ялуцзян мерезанд. Иқлимаш мӯътадил, муссонӣ. Аз июнь то окт. зуд-зуд тӯфон мешавад. Боришоти солона то 1000 мм. Ҳарор. об моҳи февр. дар Шим. Ғ. аз 0° пасттар буда, дар Ҷ. 6°—8° С, авг. дар Шим. 24° С, дар Ҷ. то 28° С. Шӯриаш 30—34‰, дар резишгоҳи дарьёҳо то 26‰ тағьир меёбад. Қисми шим. ғарбиаш аз нояб. то март ях мебандад. Маддаш нимшабонарӯзӣ, баландии мадд дар соҳилҳои Корея то 9 м, дар ноҳияҳои диг. 3—4 м. Дар баҳр мормоҳӣ, равғанмоҳӣ, шӯрмоҳӣ, симмоҳӣ, мидия ва ғ. ҳаст. Бандарҳои калонаш: дар Хитой—Циндао, Вэйхай, Яньтай, Тяньцзинь, Инкоу, Люйшунь (Порт-Артур), Далянь (Дальний), дар Кореяи Ҷанубӣ — Инчхон (Чемульпо).

БАҲРИ КАЙҲОННАВАРДӢ, баҳри канорӣ дар сектори Ҳиндии Уқ. Ҷанубӣ, байни Замини Эндерби (дар Антарктида) ва б. Рисер-Ларсен. Масоҳ. 698,6 ҳаз. км². Чуқурии қисми зиёдаш беш аз 2000 м, ҷои чуқуртаринаш аз 5000 м ҳам зиёд. Қариб тамоми сол сатҳи баҳр бо яҳҳои сайёр пӯшидааст. Айсбергҳо бисьёранд. Дар соҳили Б.-К. маркази обу ҳавосанҷии советӣ — «Молодёжная» ва ст. илмии Япония — Сёва воқеанд. С. 1962 иштирокчиёни экспедицияи арктикии советӣ баҳрро ба шарафи кайҳоннавардони нахустин Б. К. номиданд.

БАҲРИ КАРИБ, Баҳри Караиб (Caribbean Sea), баҳри нимкушоди уқ. Атлантик, байни Америкаи Марказию Ҷанубӣ дар Ғ. ва Ҷ., ҷазираҳои Антили Калону Хурд дар Шим. ва Ш. Дар Шим. Ғ. ба воситаи гул. Юкатан бо хал. Мексика, дар Шим. Ш. ва Ш. бо гул-ҳои байни ҷаз-ҳои Антиль ба уқ. Атлантик, дар Ҷ. Ғ. бо кан. Панама ба уқ. Ором пайваст аст. Масоҳ. 2754 ҳаз. км². Ҷои аз ҳама чуқураш 7680 м. Ҳаҷми миёнаи об 6860 ҳаз. км³. Соҳилҳояш ҷо-ҷо кӯҳсор, баъзан пастӣ; дар Ғ. ва назди ҷаз-ҳои Антиль бо рифҳои марҷонӣ иҳота шудаанд. Ҳарор. миёнаи сатҳи об зимистон 25°, тобистон 28° С. Ҷараёнаш ба самти Ғ. ва Шим. Ғ. равон аст, суръаташ дар як соат 1—6 км. Шӯриаш қариб 36‰. Маддаш нимшабонарӯзӣ, аз 1 м камтар. Дар Б. К. наҳанг, моҳии паррон, сангпушти баҳрӣ ва ғ. мавҷуд буда, баъзан кит, анбарзо ва тюлень низ вомехӯрад. Б. К. ҳамчун роҳи кӯтоҳтарини баҳрӣ аҳамияти калони иқтисодӣ ва стратегӣ дорад. Бандарҳояш: Сантьяго (Куба), Маракайбо, Ла-Гуайра (Венесуэла), Колон (Панама), Санто-Доминго (Республикаи Доминикана), Лимон (Коста-Рика) ва ғ.

БАҲРИ КУШОД (дар режими ҳуқуқи байналхалқӣ), қисми Уқ. Олам, ки берун аз ҳудуди обҳои территорияви ин ё он давлат воқеъ буда, ҳамаи давлатҳо аз он истифода бурда метавонанд. Истифодабарӣ аз обҳои Б. к. дар асоси принципи аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ — озод будани Б. к. ба амал бароварда мешавад. Мувофиқи ин принцип ягон давлат ҳуқуқ надорад, ки дар Б. к. ва фазои болои он ҳукмфармоӣ кунад. Ин принцип дар конвенцияи ба Б. к. бахшидашудаи Женева (1958) қонунӣ гардонида шудааст. Ҳамаи давлатҳо дар Б. к. ҳуқуқи савдо ва киштигардии ҳарбӣ, моҳидорӣ, гузаронидани кабель ва трубопроводҳо, бурдани тадқиқоти илмиро доранд. Самолётҳои ҳамаи давлатҳо дар фазои Б. к. метавонанд озодона парвоз намоянд. Ҳар як киштии ба Б. к. дохилшуда дар итоати ҳамон давлатест, ки зери байрақи он шино мекунад. Ҳангоми ҷанг Б. к.-ро барои амалиёти ҳарбӣ низ истифода мебаранд.

БАҲРИ МАЙИТ, кули шӯри баста дар Урдун ва Исроил. Тӯлаш 76 км, бараш то 17 км, масоҳ. бештар аз 1050 км². Чуқуриаш то 356 м. Сатҳи Ғ. М. аз с. Б. Миёнаазамин 395 м пасттар. Шӯрии об 260—270‰. Соҳилҳояш дар Ғ. ва Ш. баланди шахдор, дар Шим. ва Ҷ.— пасти ҳамвор. Ба Б. М. д. Урдун мерезад. Иқлими гарми хушк (50—100 мм боришот дар як сол) боиси зуд бухоршавии оби баҳр ва ҷамъшавии намакҳои минералӣ гардидааст. Дар таркиби намакҳо $MgCl$, $NaCl$, KCl ва $MgBr$ зиёданд. Захираи намак 43 млрд т. Аз сабаби он, ки дар таркиби об намакҳо бисьёранд, ҳаёти органикӣ (ба ғайр аз якчанд намуди бактерияҳо) вуҷуд надорад. Дар соҳилҳои баҳр воҳаҳо вомехӯранд. Дар наздикии соҳили ҷанубӣ намакҳои минералӣ истеҳсол карда мешаванд.

БАҲРИ МАРҶОН (Coral Sea), баҳри нимкушоди уқ. Ором, дар назди соҳилҳои Австралия, Гвинеяи Нав, Каледонияи Нав. Масоҳ. 4791 ҳаз. км². Чуқуриаш то 9140 м (чуқурии Бугенвиль). Ҷаз-ҳои сершумори марҷонӣ ва рифҳо (рифи Садди Калон, тӯлаш 2300 км) киштигардиро мушкил мекунанд. Дар Ҷ. ҳарор. миёнаи сатҳи об авг. 19°, февр. то 24°, дар Шим. 28° С. Шӯриаш то 35,5‰. Наҳанг ва моҳиҳои паррон бисьёранд. Бандарҳои калонаш: Кэрнс (Австралия), Морсби (ҷаз. Гвинеяи Нав), Нумеа (ҷаз. Каледонияи Нав).

БАҲРИ МИЁНАЗАМИН, баҳри дохилии уқ. Атлантик, дар байни қитъаҳои Европа, Осиё ва Африка. Б. М.-ро дар Ғ. гул. Гибралтар бо уқ. Атлантик, дар Шим. Ш. гул. Дарданелл бо Б. Мармар ва гул. Босфор бо Б. Сиёҳ, дар Ҷ. Ш. кан. Суэц бо Б. Сурх пайваст мекунанд. Б. М. ба б-ҳои Тирреп, Адриатика, Ион, Эгей, Лигурия, Бамар ва Альборан тақсим мешавад. Масоҳ. 2,5 млн км²; ҳаҷми об 3839 ҳаз. км³, чуқурии миёна 1541 м, ҷои чуқуртаринаш 5121 м. Соҳилҳояш кӯҳсор ва пасти ҳамвор. Хал-ҳои калонаш: Валенсия, Лион, Генуя, Таранто, Сидра (Сирти Калон), Қобис (Сирти Хурд). Ҷаз-ҳои калонаш: Балеар, Корсика, Сардиния, Сицилия, Крит ва Кипр. Ба Б. М. д-ҳои Нил, Эбро, Рона, По ва ғ. мерезанд. Б. М. дар ноҳияи геосинклинали альпӣ воқеъ гашта, рельефи қаъри он мураккаб аст. Аз чиҳати геоморфологӣ Б. М.-ро ба се ҳавза ҷудо мекунанд: Ғарбӣ—ҳавзаи Алҷазоиру Провансе — чуқуриаш зиёда аз 2800 м (пастҳамии б-ҳои Альборан, Балеар, Лигурия ва Тирреп); Маркази — чуқуриаш бештар аз 5100 м (ҳамии Марказӣ ва пастҳамии б-ҳои Адриатика ва Ион); Шарқӣ — Левант, чуқуриаш қариб 4380 м (пастҳамии б-ҳои Левант, Эгей ва Мармар). Иқлими Б. М. ба типи мустақили баҳриминёназаминӣ ҷудо шуда, хусусиятҳои хоси субтропики дорад, зимистон сернами мулоим ва тобистон гарми хушк. Антициклони Азор боиси бештар вазидани бодҳои шим. ғарбӣ мегардад. Барои як қатор ноҳияҳо бодҳои маҳалли (этезии мистраль, бора, сирокко) хосанд. Ҳарор. миёнаи ҳаво яни. дар соҳилҳои шим. 7—10° С., дар соҳилҳои ҷан. 14—16° С., авг. мувофиқан 22—24° С ва 25—30° С. Боришоти солона дар Ҷ. Ш. 100 мм, дар ҷойҳои кушод 300—600 мм, дар Шим. Ғ. 1100—1300 мм. Боронгари шӯрии оби Б. М.-ро паст мекунад, вале аз дохил шудани обҳои уқ. Атлантик ва Б. Сиёҳ шӯрии он бо барқарор мегардад. Мадду ҷазр характери нимшабонарӯзӣ дошта, баландии мадд дар аксари ноҳияҳо 0,1—0,5 м; дар соҳилҳои шарқии Тунис 1,7 м. Зимистон баландии мавҷи баҳр то ба 7—8 м мерасад. Қад-қади соҳил ҷараёни об доимо давр мезанад. Ҳарор. миёнаи об—февр. дар Ғ. 13° С, дар Ш. то 17° С, авг. дар хал. Лион 20° С, дар Ш. то 30° С мерасад. Шӯрии об 36—39,5‰. Олами ҳайвонӣ Б. М. ба фаунаи ноҳияҳои гарми уқ. Атлантик монанд аст. Қариб 7 ҳаз. хел ҳайвонӣ оби ва растаниҳо, аз ҷумла 550 намуди моҳи, дельфин, як намуди тюлень, сангпушти баҳрӣ, ҳаштпо, кальчар, харчанги баҳрӣ, лангуст ва ғ. мавҷуданд. Моҳиҳои шикорбобаш: сардин, тунец, макрель, скумбрия ва ғ. Обсабзҳояш гуногунанд: лериденҳо, саргассҳо ва ғ. Б. М. аз замонҳои қадим дар ҳаёти иқтисодии халқҳои соҳилҳояш аҳамияти махсус дошт. Ҳоло ҳам Б. М. дар робитаи иқтисодии мамлакатҳое, ки дар гирду атрофи он воқеъ гардидаанд, ичуниин

давлатҳое, ки Б. М.-ро ҳамчун роҳи транзитӣ истифода мебаранд, роли калон мебозад. Роҳҳои муҳими баҳрие, ки Европа, Африка, мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Австралияро мепайванданд, ба воситаи Б. М. мегузаранд. Бандарҳои асосиаш: Барселона (Испания), Марсель (Франция), Генуя, Неаполь (Италия), Пирей (Юнон), Бейрут (Республикаи Лубнон), Порт-Саид, Искандария (РМА), Тунис, Бизерта (Тунис), Банғозӣ, Марса-ал-Брега, Триполи (Либия), Алҷазира, Беҷоия (Алҷазоир).

БАҲРИ МИЁНАЗАМИНИ АВСТРАЛИЯЮ ОСИЁ, номи умумии баҳрҳои байниҷазиравии қисми ғарбӣ ва тропикии уқ. Ором, дар байни қитъаҳои Осиё ва Австралия. Масоҳ. тақрибан 8 млн км². Баҳрҳои калонтаринаш: б. Ҷануби Хитой, Ява, Сулавеси, Сулу, Банда.

БАҲРИ НОЗУК بحر نازك 1) номи тарона, оҳанги мусиқии қадимии форс-тоҷик; 2) гӯшаи дуюми мусиқӣ дар таркиби шӯъбаи «Мубарқаъ», ки ба қисмати мақоми «Рост» («Дувоздаҳмақом») алоқаманд аст.

БАҲРИ САФЕД, баҳри дохилии уқ. Яхбастаи Шимолӣ, дар соҳилҳои шим. қисми Европои СССР. Дар байни нимҷаз-ҳои Кола ва Канин воқеъ аст. Б. С.-ро гул. Горло бо б. Баренц, кан. Б. Сафеду Балтика бо б. Балтика ва роҳи обии Волгаю Балтика бо б-ҳои Азов, Каспий ва Сиёҳ пайваст мекунанд. Масоҳ. 90 ҳаз. км². Чуқурии миёнааш 60 м, ҷои чуқуртаринаш 330 м. Хал-ҳояш: Мезень, Двина, Онега, Кандалакша. Ҷаз-ҳои калонаш: Соловец, Моржовец, Мудьюг. Соҳилҳои шим. ғарбиаш баланди шаҳдор, ҷан. шарқиаш пасти нишеб. Қаъри баҳр поҳамвор. Иқлимаш хунук, дар Ҷ. хунуки мӯътадил. Ҳарор. об дар тобистон аз 6° то 15° С, зимистон аз 1° С пасттар. Шӯриаш аз 24‰ то 34,5‰. Аз окт.— нояб. то май—июнь ях мебандад. Мадди баҳр то 10 м (дар хал. Мезень). Ба Б. С. д-ҳои Двинаи Шимолӣ, Онега, Мезень мерезанд. Аз баҳр чанд навъ моҳӣ ва тюлень шикор мекунанд. Бандарҳояш: Архангельск, Онега, Беломорск, Кандалакша, Кемь, Мезень, Умба.

БАҲРИ СИБИРИ ШАРҚӢ, баҳри канории уқ. Яхбастаи Шимолӣ дар байни ҷаз-ҳои Новосибирь ва Врангель. Масоҳ. 936 ҳаз. км². Чуқурии миёнааш 45 м, ҷои чуқуртаринаш 155 м. Иқлимаш арктикӣ. Тобистон ҳарор. об 4°, 8° С (дар назди резишгоҳи дарьёҳо), дар баҳри кушод 0°, —1° С; зимистон аз —1,2° то —1,8° С. Шӯрии об дар Ҷ. 5—10‰, дар Шим. 20—30‰. Зимистон баҳр яхпӯш аст, тобистон танҳо минтақаи наздисоҳилиаш об мешавад. Дар баҳр якчанд гурӯҳи ҷаз-ҳо мавҷуданд, мас., Новосибирь, Медвежий, Айон ва Шалауров. Ба Б. С. Ш. д-ҳои Индигирка, Хрома, Алазея, Колыма мерезанд. Аз баҳр морж, тюлень ва моҳӣ (муксун, чир ва ғ.) шикор мекунанд. Бандарҳои калонаш: Певек (хал. Чаун), Амбарчик (резишгоҳи Колыма).

БАҲРИ СИЁҲ (номи қадимааш Понти Эвксин—юн. Pontos Euxenos—баҳри меҳмоннавоз), баҳри миёнаазамиии уқ. Атлантик дар соҳилҳои СССР, Румыния, Булғория ва Туркия. Б. С.-ро дар Шим. Ш. гул. Керчь бо б. Азов, дар Ҷ. Ғ. гул. Босфор бо Б. Мармар ва гул. Дарданелл бо Б. Миёнаазамин мепайвандад. Масоҳ. қариб 420,3 ҳаз. км². Тӯлаш то 1149 км. Бараш 611 км. Ҷои чуқуртаринаш — 2245 м. Дарозии хати соҳил 4090 км. Соҳилҳо дар Ғ. ва Шим. Ғ. паст ва баъзан баланди ҷаридор, дар Ш., Ҷ. ва қисми ҷанубии нимҷаз. Қрим баланди кӯҳсор аст. Хал-ҳои калонаш: Каркинит, Каламит, Днепру Буг ва Днестр. Ҷазираҳо каманд, калонтаринашон—Березань ва Змеиный. Ба Б. С. д-ҳои Днепр, Буги Ҷан., Днестр, Дунай, Рион, Қизил Ирмоқ ва ғ. мерезанд. Иқлимаш бинобар бо хушкӣ иҳота будан хусусияти континентӣ дорад: дар Шим. мӯътадил, дар Ҷ. субтропикӣ. Ҳарор. миёнаи янв. дар Шим. Ғ. —2,6°, —3° С, дар соҳили Қрим 3,7° С, дар Ҷ. Ш. ва Ҷ. 6°—9° С. Тобистон ба Б. С. антициклони Азор таъсир мекунад. Бодҳои суст мевазанд. Ҳарор. миёнаи ҳавои июль 22°, 25° С, баландтаринаш 37° С. Миқдори боришот дар Ғ. ва Шим. Ғ. 300—500 мм, дар Ш. ва Ҷ. Ш. то 1500—2500 мм. Зимистон ҳарор. об дар баҳри кушод 6—8° С, дар Шим. Ғ. ва аз гул. Керчь ҷанубтар то —1° С мефурояд ва об ях мебандад. Тобистон ҳарор. об 22°, 25° С; дар тунукобаҳо то 28° С. Шӯрии қабати болои об қариб 18‰, дар назди резишгоҳи дарьёҳо чандон шӯр нест. Оби баҳр дар чуқурии зиёда аз 150 м гидрогенсульфид дорад (миқдори он дар 1 л об 5—7 см³). Бинобар ин дар чуқуриҳои зиёд организмҳои зинда мавҷуд нестанд. Дар Б. С. 258 намуди обсабзҳо ва 2 намуди растаниҳои гулдор, қариб 1500 намуди ҳайвонот, 180 хел моҳӣ, инчунин наҳанг (акула) мавҷуданд. Аз Б. С. скумбрия, ҳашинамоҳӣ, тосмоҳӣ, севрюга, тюлька, кефаль ва ғ. шикор карда мешавад. Б. С. аҳамияти нақлиётӣ дошта, СССР-ро бо диг. мамлакатҳо мепайвандад (тақр. аз чор яки импорт ва аз ду яки экспорти СССР ба воситаи бандарҳои Б. С. ба амал оварда мешавад). Бандарҳои калонаш: Одесса, Ильичёвск, Новороссийск, Поти, Ботумӣ (СССР), Констанца (Румыния), Варна, Бургас (Булғория), Синоп, Трабзон (Туркия). Курортҳои Одесса, Евпатория, Ялта, Феодосия, Сочи, Гагра, Сухуми, Ботуми ва ғ. дар соҳилҳои Б. С. ҷой гирифтаанд.

БАҲРИ СУРХ, баҳри миёнаазамиии уқ. Ҳинд, дар байни нимҷаз. Арабистон ва Африка. Дар соҳилҳои Б. С. РМА, Судон, Эфиопия, Арабистони Саудӣ, РЯА ҷойгиранд. Б. С. аз Шим. ба воситаи канали Суэц бо б. Миёнаазамин, аз Ҷан. ба воситаи гул. Бобулмандаб бо хал. Адан ва Б. Араб пайваст аст. Тӯлаш 1932 км, паҳной то 305 км, масоҳ. 450 ҳаз. км², чуқуриаш то 2635 м, ҳаҷми об 251 ҳаз. км³. Б. С. яке аз баҳрҳои гармтарин (то 32° С) ва шӯртарин (38—42‰) мебошад. Иқлимаш гарми хушк, ҳарор. янв. аз 15,5° С то 27° С., авг. аз 27° то 32° С; боришоти солона 28—217 мм. Б. С. роҳи кӯтоҳтарини баҳрии байни мамлакатҳои Африка, Европа, Осиё ва Австралия аст. Бандарҳои асосиаш: Суэц (РМА), Порт-Судон, (Судон), Ҷидда (Арабистони Саудӣ), Массауа (Эфиопия), Ҳудайда (РЯА). Аз сабаби дар баҳр мавҷуд будани обсабзҳои сурхранг, онро Б. Сурх номидаанд.

БАҲРИ ТАВИЛ (ар. بحر طويل — баҳри дароз), 1) номи яке аз баҳрҳои *арӯз*, ки хоси назми араб аст. 2) Як навъи санъати лафзист, ки аз мисраҳои тӯлонӣ (аз 6 то 36 рукн) иборат аст. Дар Б. т. шарт ин аст, ки хонанда бояд ҳар мисраи шеърро бо як нафас хонад. Азбаски дар Б. т.-и арӯз мисраъҳо нисбат ба диг. баҳрҳо дарозтар аст, ба қиёси он ин санъатро Б. т. номидаанд. Намунаи Б. т. ин як мисраи Фавқист (а. 17): «Дӯш сармаст ба гулгашт саҳаргаҳ шуда будам, ки яке сарвқаде, лоларухе, ҳуру парӣ, лабшакаре, симбаре, турфа нигоре, ки хиромидану рафтору шакарханданду гуфтору ду чашмаш ба фусун — ҳар як аз инҳо ба ҷудой бирабоянд зи ошиқ дилу ҷонро». *С. Давронов.*

БАҲРИ ШАРҚИ ХИТОЙ, Дунхай, баҳри нимкушод дар уқ. Ором, байни соҳилҳои Хитой, ҷаз. Тайвань (Хитой) ва ҷаз-ҳои Рюкю, Кюсю (Япония). Масоҳ. 752 ҳаз. км². Чуқуриаш дар қисми ғарбӣ аз 200 м паст, шарқӣ — то 2717 м. Иқлими Б. Ш. Х. мувофиқи мавсим тағьир меёбад. Ҳарор. об дар февр. аз 7° то 16° С, дар авг. 27°, 28° С. Мадди баҳр нимшабонарӯзӣ буда, баландии он то ба 7,5 м мерасад. Аз Б. Ш. Х. роҳҳои муҳими баҳрӣ мегузаранд. Моҳидорӣ (асосан шӯрмоҳӣ, сардин) ривоҷ ёфтааст. Ба баҳр д. Янцзы мерезад. Бандарҳои калонаш: Шанхай, Нинбо, Вэньчжоу, Цзилун (Хитой), Нагасаки (Япония).

БАҲРИ ШИМОЛӢ, баҳри канории уқ. Атлантик, дар байни нимҷаз-ҳои Скандинавия, Ютландия аз Ш. ва ҷаз-ҳои Британияи Кабир, Оркней ва Шетленд аз Ғ. Аз Ш. бо системаи гулӯгоҳҳо (Скагеррак, Каттегат, Бельти Калон ва Хурд, Эресунн) бо б. Балтика пайваст буда, дар Шим. бо б. Норвег ҳамҳудуд аст. Аз Ҷ. Ғ. онро гул-ҳои Па-де Кале ва Ла-Манш бо уқ. Атлантик пайвастаанд. Масоҳ. 544 ҳаз. км². Дар тунукобаи материкӣ воқеъ аст. Чуқурии қисми бештараш аз 100 м паст, ҷои чуқуртаринаш 463 м. Соҳилҳои шим.

шарқиаш (Норвегия) фиордӣ буда, чаз-ҳои хурди бисьёре доранд. Рельефи қаъри он ноҳамвор. Ба Б. Ш. д-ҳои Эльба Везер, Эмс, Рейн, Маас, Шельда, Темза мерезанд. Иқлими баҳр мӯътадил; тобистон салқин, зимистон кӯтоҳ ва нисбатан нарм. Ҳавояш тағьирёбанда, сертуман. Аз нояб. то март тӯфонҳо ба амал меоянд. Ҳарор. миёнаи февр. аз 0° С то 5° С, авг. аз 15° С то 17° С, зимистон то — 23° С. Миқдори боришоти солона 600—1000 мм. Капорҳояш аз дек. то март ях мебандад. Ҳарор. миёнаи сатҳи об дар февр. 2°, 7° С, дар авг. 12°, 19° С. Шӯрии об 31,0—35,0‰. Дар Б. Ш. тақрибан 300 намуди растанӣ ва бештар аз 1500 хели ҳайвонҳои обӣ мавҷуданд. Б. Ш. аҳамияти калони хоҷагӣ ва нақлиётӣ дорад. Аз ин роҳ нефть, ангиштсанг, маъдани оҳан, чӯб, коғаз, мошин ва ғ. мекашонанд. Аз назди соҳилҳои Йоркшир ва Шотландия гази табиӣ ва аз Экофиск (Норвегия) нефть истеҳсол мекунанд; Б. Ш. яке аз манбаъҳои калонтарини моҳидории Европаи Ғарбист. Дар як сол аз 4 млн т. бештар шӯртан ва равғанмоҳӣ шикор мекунанд. Бандарҳои калонтарин: Роттердам, Амстердам (Нидерланд), Антверпен (Бельгия), Лондон, Иммингем, Халл (Британияи Кабир), Гамбург, Бремен, Вильгельмсхафен (РФҒ), Гётеборг (Швеция), Осло, Берген (Норвегия).

БАҲРИ ЯПОН, баҳри нимкушоди уқ. Ором, дар байни материки Евросиё ва чаз-ҳои Япония. Бо соҳилҳои СССР, Кореяи Шимолӣ ва Ҷануби, Япония иҳота шудааст. Дар Шим. ба воситаи гул-ҳои Невель ва Лаперуз бо б. Охота, дар Ш. ба воситаи гул. Сангар бо уқ. Ором, аз Ҷ. ба воситаи гул. Корея бо б. Шарқи Хитой пайваст мебошад. Масоҳ. 978 ҳаз. км², чуқуриаш то 3669 м. Хал-ҳои калонаш: Шарқи Корея ва Пётри Қабир. Иқлими Б. Я. мӯътадил, муссонӣ, хусусан дар қисми ҷан. шарқии баҳр тез-тез тӯфонҳо ба амал меоянд. Ҳарор. об зимистон аз 0°, 1,3° С дар Шим. то 12° С дар Ҷ.; тобистон аз 17° то 26° С. Зимистон қисми шимолиаш ях мебандад. Дар Ҷ. ба гул. Корея (Гузаргоҳи шарқӣ) аз ҷараёни гарми Куросио (ҷараёни Цусима) шохае ҳамроҳ гардида, қад-қади соҳилҳои Япония равон мешавад. Дар назди соҳилҳои Осиё ҷараёни хунук аз Шим. ба Ҷ. ҳаракат мекунад. Моҳӣ, харчанг, трепанг ва ғ. шикор мекунанд. Дар соҳилҳои баҳр корхонаҳои калони саноати моҳидорӣ ҷойгиранд. Б. Я. аҳамияти муҳими нақлиётӣ дорад. Бандарҳои калонаш: Владивосток, Находка, Советская Гавань, Александровски Сахалин (СССР), Отару, Ниигата, Цуруга, Майдзуру (Япония), Вонсан, Хыннам, Чхончжин (РХДК).

«БАҲРИ ҲАЁТ», ниг. *«Советский медик»*.

БАҲРИ ҶАНӮБИ ХИТОЙ, баҳри нимкушод дар ғарби уқ. Ором, назди соҳилҳои Осиёи Шарқӣ, байни нимҷаз. Ҳиндухитой, ҷаз-ҳои Калимантан, Палаван, Лусон ва Тайвань. Масоҳ. 3447 ҳаз. км². Чуқуриаш то 5245 м, ҳаҷми об 3928 ҳаз. км³. Ба он д-ҳои калони Сицзян, Хонгха, Меконг, Менам мерезанд. Ҷаз. калонаш — Хайнань. Хал-ҳои калонаш Бакбо (Тонкин) ва Сиам. Ҳарор. об февр. аз 20° С дар Шим. то 27° С дар Ҷ., авг. 28°, 29° С. Шӯрии оби баҳр 31—34‰. Тобистону тирамоҳ зуд-зуд тӯфон мешавад. Маддаш шабонарӯзию омехта, то 5,9 м. Б. Ҷ. Х. аз моҳӣ (тунец, шӯрмоҳӣ, арм), сапгиушти обӣ бой аст. Бандарҳо: Бангкок (Таиланд), Хошимин, Хайфон (Вьетнам), Сянган (Гонконг), Гуанчжоу (Кантон) ва Шаньтоу (Хитой), Манила (Филиппин).

БАҲРИДДИНОВА Зулфия (тав. 7. 3. 1922, ш. Ленинобод), каснидадуз, аъзои ИР РСС Тоҷ. (1957), аъзои Правлениеи ИР СССР, Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. (1957). Аъзои КПСС аз с. 1945. Аз оилаи наққош ва рассоми худомӯз Баҳриддин Нуриддинов, санъати қаламкаширо аз падараш ва сӯзанидӯзиро аз аммааш Шарафнисо Нуриддинова омӯхтааст. Ӯ с. 1941 Омӯзишгоҳи педагогии ш. Ленинободро хатм кард.



З. Баҳриддинова. Сӯзанӣ.

Кори аввалини Б. сӯзанӣ мусаввари зебо дар Даҳаи санъати тоҷик дар Москва (1941) сазовори медали «Барои меҳнати шоён» гардида буд. Сӯзаниҳои калон ва машҳури Б. ба муносибати 800-солагии Москва (1947), Даҳаи адабиёти советии тоҷик дар Москва (сӯзанӣ бо портретҳои А. С. Пушкин, М. Горький ва В. Маяковский, с. 1948), Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва (1957), «Ленин — ГОЭЛРО» (1957), 100-солагии В. И. Ленин (1970) ва ғ. Б. дар сӯзаниҳои худ услуби қадимаро такмил додааст. Дар айни замон директори Омӯзишгоҳи педагогии ш. Ленинобод. Б. бо медалҳо мукофотонида шудааст.

БАҲРОМ, Варахранром, номи чанд нафар шоҳони Эрон аз сулолаи *Сосониён*. Б.-и I (с. тав. номаълум — ваф. 276), чаҳорумин подшоҳ аз сулолаи Сосониён (272—276), писари *Шопури* I. Б.-и II (с. тав. номаълум — ваф. 292 ё 293), панҷумин подшоҳи Сосониён (276—293), писари Б.-и I. Баъди падараш с. 276 ба тахт нишаст. Б.-и II бештар бо шикор шуғл дошт. Давлатдори дар ихтиёри дарбориён буд, ки аз ин ашрофон норозӣ буданд ва ба Б.-и II суиқасд ташкил намуданд. Б.-и II суиқасдро ошкор карда идораи давлатро пурра ба зимма гирифт. Бо мақсади васеъ кардани ҳудуди давлат вил. Систон (Сакистон)-ро забт намуд. Чун Б.-и II саргарми ҷангҳои дохилӣ буд, императори Рим Карус ҳуҷум оварда ва вил. римии Байнаннаҳрайнро, ки аз замони Шопур дар ихтиёри Эрон буд, ба осонӣ забт намуд. Б.-и III (с. тав. номаълум — ваф. 293), шашумин подшоҳи Сосониён, писари *Ҳурмузди* I, с. 293 фақат чаҳор моҳ подшоҳи кардааст. Б.-и IV (с. тав. номаълум — ваф. 399), сездаҳумин подшоҳ аз сулолаи Сосониён (388—399). Дар замони Б.-и IV байни Эрону Рим паймони сулҳ баста шуд, ки мувофиқи он Арманистон байни ин ду кишвар тақсим гардид. Б.-и V (с. тав. номаълум — ваф. 438), машҳур ба Б.-и Гур, понздаҳумин подшоҳ аз сулолаи Сосониён (421—438), писари Яздигурд. Дар дарбори подшоҳи Ҳира тарбият ёфт. Баъди вафоти падараш бо ёрии подшоҳи Ҳира кушид ба тоҷу тахт соҳиб шавад. Бародараш Шопур, ки ҳокими Арманистон буд, низ мақсад дошт ба сари ҳокимият ояд. Аъёну ашрофи Эрон аз нисои бародарон истифода бурда, Шопурро куштанд ва Хусравро, ки хеши Яздигурд буд, ба салтанат бардоштанд. Б.-и V зидди Хусрав лашкар кашид, аммо ихтилофи байни онҳо бо созишнома анҷомид. Б.-и V ба мақсади васеъ намудани давлаташ бо Рим ҷанг сар кард, вале он дер давом накард ва бо сулҳ ба охир расид. Б.-и V ба сарзамини ҳайтолиҳо ногаҳон ҳамла намуда, дар Марв ба онҳо шикаст дод. Б.-и V шоҳи ҳайтолиҳоро бо дасти худаш кушт ва тоҷи уро зинати оташкадаи «Озар Гуштасп» кард. Тамоми Арманистонро ба Эрон ҳамроҳ намуд ва дар қаламрави худ озодии мазҳаб дод. Б.-и V ба шикори гур рағбат дошт, аз ин рӯ лақаби Гурро гирифт.

Ад.: Гафуров Б. Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972.

Ё. Пулодов

БАҲРОМ (Ҳ.) 1) Яке аз номҳои сайёраи *Миррих*, ки дар тасаввури мунаҷҷимони қадим ситораи нахс ва дар асотир худои ҷанг ва фитна тавсиф шудааст. 2) Номи рӯзи бистуми ҳар моҳи шамсӣ. 3) Номи шаҳре аз шаҳрҳои қадими Эрон-замин. 4) Яке аз шоҳони сулолаи Сосониён — Баҳроми Гур (ваф. 438), ки ҳамчун образи идеали ҷаҳ адабиёт ва фолклор маъруф гардидааст. Муаллифи китоби «Таъриҳи Табарӣ» аз корнамоиҳои Б.-и Гур нақлу ривоятҳои бисьёре ме-

орад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Низомулмулк дар «Сиёсатнома», Низомии Ганҷавӣ дар «Ҳафтпайкар», Хисрави Деҳлавӣ дар «Ҳашт биҳишт» ва чандин шоиру нависандаи диг. мувофиқи мақсад ва ҷаҳонбинии сиёсию ичтимоии худ образи хаёлии Б.-и Гӯрро офаридаанд. Б.-и адабиёти форсточик асосан чун шоҳи маишатпараст, худпасанд, бепарво, аз аҳволи халқу мамлакат бехабар машҳур аст. Адибон дар зимни образи Б. масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, тарбиявӣ ва давлатдории замонашонро ба миён гузошта, шоҳу вазирони золимро ба адолатпарварӣ даъват намудаанд.

Ад. Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972. *Р. Ёров.*

«БАҲРОМ ВА ГУЛАНДОМ» بهرام و گل‌اندام қиссаи ишқиву саргузаштии форс-точик. Мундариҷаи «Б. ва Г.» (зафари зиндагӣ бар марг, ғалабаи инсон бар деву парӣ) дорои хусусияти фольклорист. «Б. ва Г.» нусхаҳои насру назм дорад. Ин асарро шоирони а. 18 Муҳаммадамин (ба точикӣ) ва Сайқали Ҳисорӣ (ба ӯзбекӣ) ба пазм даровардаанд. «Б. ва Г.» дар а. 18 ба забони гурҷӣ низ тарҷума шуда, дар он корнамоӣ ва ғалабаи қаҳрамон бар душвориҳои зиёд тасвир ва ҳудуди амалиёт вусъат меёбад, аз ин ҷиҳат он ба қиссаҳои рыцарии аврупоӣ шабоҳат пайдо кардааст.

Ад.: Салимов Ю., Насри ривоятии форсу точик, Д., 1971. *Ю. Салимов.*

БАҲРОМИ ЧӮБИНА بهرام چوبینه (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 592), лашкаркаш ва шоҳи Эрон (590—591). С. 590 туркҳо ба сарзамини Эрон ҳамла оварданд. Б. Ч., ки сарфармондеҳ таъин шуда буд, дар Хуросон ба туркҳо зарбаи сахт расонда, ғалаба кард. Дар ҷанг ба муқобили Византия низ сарфармондеҳ буд. С-ҳои 589 ё 590 ба муқобили ҳокими *Сосониён Ҳурмузди* IV (579—590), ки ба заминдорони миёна ва савдогарон такья мекарду аз сиёсати ӯ ашрофон норозӣ буданд, шӯриш бардошт. Қисми ашрофон Б. Ч.-ро, ки худро шоҳаншоҳ эълон кард, дастгирӣ намуд. Б. Ч. бар қӯшуни *Хусрави* II *Парвиз* ғалаба кард. Аммо Хусрави II Парвиз (591) бо ёрии Византия Б. Ч.-ро шикаст дод. Б. Ч. ба дарбори хоқони Турк гурехт ва баъди чанд вақт дар он ҷо кушта шуд. *Азизӣ-Мешкин.*

БАҲРОМӢ بهرامی Абулҳасан Алии Сарахсӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1106), шоир ва адабиётшиноси форсточик. Бинобар маълумоти Низомии Арӯзии Самарқандӣ — Б. аз адибони замони салтанати Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (998—1030) ва шоиру назариётчии адабиёт будааст. Дар илми арӯз ва қофия бо унвони «Ҳуҷистанома», «Ғоят-ул-арузин» ва «Канз-ул-қофия» рисолаҳое доштааст, вале имрӯз пайдо нест. Аз мероси мазумаш ашъори парокандае ба воситаи тазкираю луғатҳои тафсирӣ ба мо расидааст. *А. Абдуллоев.*

БАҲРРУШӢН, деҳа, маркази С. қ. Баҳррушон, р-ни Рушони ВАБК. Дар соҳили д. Панҷ, сари роҳи мошингарди Душанбе—Хорӯг воқеъ аст. Терр. с-зи «50-солагии Октябрь». Аз Б. то маркази район 12 км. Аҳол. 1620 наф. (1976), точикон. Мактаби миёна, мактаб-интернат, 3 китобхона, хонаи маданият, кинотеатр, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, АТС, 3 нуқтаи савдо, ошхона, комб. хизмати маишӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ, кирмакдорӣ, зироати полизӣ, тамокукорӣ. Заминҳо аз д. Баҳррушон обьёрӣ мешаванд.

«БАҲР-УЛ-АСРОР» بحرالاسرار номи пурраваш «Баҳр-ул-асрор фӣ маноқиб-ил-ахьёр» بحرالاسرار فی مناقب الاخیار (Дарьёи розҳо дар ситоишҳои некон) ё худ «Баҳр-ул-асрор фӣ маърифат-ил-ахьёр» بحرالاسرار فی‌معرفت الاخیار (Дарьёи розҳо дар донистани некон), асари машҳури энциклопедии *Маҳмуд ибни Валӣ* оид ба таърих ва географияи Осиёи Миёна ва Шарқ. Муаллиф ба навиштани ин асар с. 1634 шурӯъ намудааст. «Б. ул-а.» асари ҳафтҷилда буда, ҷилди 1 (космография ва география) ва ҷилди 6 (воқеаҳои таърихӣ аз замони Чингизхон то хонаводаи сулолаи Аштархониён) ба замони мо омада расидааст.

Мазмуни ҷилдҳои боқимондаи асар аз дебочаи муаллиф маълум мегардад: ҷилди 2 доир ба пайғамбарон, дочишмандон ва арбоби давлат, ки то пойдоршавии дини ислом ҳаёт ба сар бурдаанд, маълумот дода, ҷилди 3 таърихи Муҳаммад, ҷилди 4 таърихи хонадони сулолаҳои Умавиён ва Аббосиён, ҷилди 5 таърихи хонадони сулолаи Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён, оли Бӯя, Ғуриён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва ғ., ҷилди 7 таърихи Темуру Темуриён ва хотимаи асар таърихи машоихро дарбар гирифтааст.

Нусхаҳои дастнависи ин асар дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон маҳфуз аст. Порчаҳои «Б. ул-а». аз тарафи В. В. Бартольд ба забони русӣ тарҷума ва дар Алма-Ато чоп шудааст.

Ад.: Ахмедов Б., Махмуд ибн Вали, Ташкент, 1966; Хамон муаллиф, Махмуд ибн Вали и его энциклопедический труд. «Общественные науки в Узбекистане», 1969, № 11; Стори Ч. А., Персидская литература. Био-библиографический обзор, т. 1—2, М., 1972. *А. Мухторов.*

БАҲРҲОИ ДОХИЛӢ, баҳрҳоеанд, ки дар дохили хушкӣ воқеъ гашта, бо уқьёнус ё баҳрҳои ҳамшафат бо як ё якчанд гулӯҳ пайвастанд. Иқлими хушкӣ ба Б. д. таъсири зиёде мерасонад. Оби баъзе баҳрҳо (мас., б. Балтика, Б. Сиёҳ ва б. Азов) аз сабаби фаровонии оби дарьёҳо камнамаканд. Оби б-ҳои диг. (Б. Сурх, Б. Миёназамин) аз таъсири иқлими гарми хушк ва камии оби дарьёҳо шӯртаранд. Б. д. аз рӯи хусусияти режими гидрологиашон ба баҳрҳои миёназаминиву нимкушод тақсим мешаванд.

БАҲРҲОИ КАНОРӢ, баҳрҳое, ки ба материкҳо ҳамшафат буда, то андозае бо ҷаз. ё нимҷаз-ҳо ҷудо шудаанд. Одатан дар тунукобаи материкӣ ва нишебаҳои материкӣ ҷойгир буда, баъзан ноҳияи чуқури уқьёнусро низ фаро мегиранд. Ҳам материк ва ҳам уқьёнус ба ҳамаи хусусиятҳои ин баҳрҳо (таҳнишастҳои қаър, иқлим, режими гидрологӣ, ҳаёти органикӣ) таъсир мерасонанд. Б-ҳои Баренц, Кара, Лаптевҳо, Сибири Шарқӣ, Чукот, Б. Шимолӣ, Беллинсгаузен ва ғ. баҳрҳои канорианд.

БАҲС, ниг. *Мубоҳиса.*

БАҲСҲОИ МЕҲНАТӢ, мувофиқи қонуни советӣ ихтилофи байни маъмурият ва коркунон доир ба татбиқи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ё муайян намудани шароити меҳнат. Б. м. дар асоси муқарраркардаи қонун мувофиқи Низомномаи оид ба баҳсҳои меҳнатӣ ҳал карда мешаванд. Б. м.-ро инҳо мебинанд: 1) комиссияҳои оид ба Б. м.; 2) комитетҳои фабрикию, заводию, маҳаллии иттифоқи касаба; 3) судҳои халқии районӣ (шаҳрӣ) ва органҳои болоӣ аз рӯи тартиби тобеият.

Комиссияи баҳсҳои меҳнатӣ (КБМ), дар СССР органи ҳатмии ибтидоиест, ки Б. м.-и дар корхона, муассиса, ташкилот, байни коргарон, хизматчиён ва маъмурият ба миён омадаро дида мебарояд. КБМ дар ҳамаи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳое, ки ташкилоти маҳаллии (цехии) иттифоқи касаба доранд аз намояндагони комитети фабрикӣ, заводӣ, маҳаллии иттифоқи касаба ва намояндагони доимии маъмурияти корхона, ташкилот, ки шуморашон баробар аст, ташкил карда мешавад. Комитетҳои фабрикию, заводию маҳаллии иттифоқҳои касаба (КФЗМИК) Б. м.-ро аз рӯи аризаҳои коргарон ва хизматчиён, ҳангоми дар КБМ ба амал наомадани созиши тарафҳо, инчунин аз рӯи шикоятҳои коргарон ва хизматчиён, ки аз болои қарорҳои ин комиссия додаанд, дида мебарояд. КФЗМИК метавонад қарори комиссияро эътиборнок шуморад ё онро бекор кунад ва аз рӯи моҳияти баҳс қарори диг. барорад.

Судҳои халқии районӣ (шаҳрӣ) Б. м.-ро аз рӯи аризаҳои коргарон ва хизматчиён, агар онҳо бо қарори КФЗМИК розӣ набошанд, ё аз рӯи аризаи маъмурият, ки қарори КФЗМИК-ро ба қонунҳои ҷорӣ мухолиф мешуморад; аз рӯи аризаҳои коргарон ва хизматчиён, агар онҳо бо қарори КБМ, ки дар ҳайати намояндаи иттифоқи касаба ва роҳбари корхона, муассиса, ташкилот қабул шудааст, розӣ набошанд ё ки дар комиссия розигии тарафҳо ба вуҷуд наомада бошад, инчунин агар дар корхона, муассиса, ташкилот КФЗМИК

АФРИКА, ХАРИТАИ ТАБИЙ



АФРИКА, ХАРИТАИ СИЁСӢ

АФРИКА дар с. 1947
Дар харита бо рақамҳо ишора шудаанд
1 Марокаш (Исп.)
2 Марокаши Ҷанубӣ (Исп.)
3 Сахрои Кабири Испания
4 Гамбия (Брит.)
5 Гвинея (Порт.)
6 Сьерра-Леоне (Брит.)
7 Сенегали Миллӣ (Брит.)
8 Того (васояти Брит.)
9 Того (васояти Фр.)
10 Семегал (Фр.)
11 Гвинея (Фр.)
12 Сенегали Оҷ (Фр.)
13 Судан (Фр.)
14 Дагомея (Фр.)
15 Вольтаи Болоӣ (Фр.)
16 Чад (Фр.)
17 Убангӣ-Шарӣ (Фр.)
18 Конгои Миёна (Фр.)
19 Габон (Фр.)
20 Камерун (васояти Брит.)
21 Гвинея (Исп.)
22 Кабинда (Порт.)
23 Руанда-Урунди (васояти Бельгия)
24 Эритрея (истилои Англия аз с. 1941)
25 Сомали (Фр.)
26 Сомали (Брит.)
27 Сомали (истилои Англия аз с. 1941)
28 Ньясаленд (Брит.)
29 Родезияи Ҷанубӣ (Брит.)
30 Бечуаналенд (Брит.)
31 Африкаи Ҷанубӣ Ғарбӣ (терр. ишғолкардаи Иттиф. Африкаи Ҷанубӣ)
32 Свазиленд (Брит.)
33 Басутоленд (Брит.)
Дар харита бо рақамҳо ишора шудаанд
1 Гамбия
2 Гвинеи-Бисау
3 Гвинеяи Экваторӣ
4 Ҷибути
5 Руанда
6 Бурунди
7 Свазиленд
8 Лесото
Эзҳо. Масъалаи ончаи Сахрои Кабири Марриб бояд мувофиқи қарорҳои ТДМ ҳал варад
МАСШТАБ 1:50 000 000
Дар Фабрикаи 11-4 СУГИ с. 1977 чап ва нашр кардаанд
ЛИСАБОН
РАБОТ
Касабланка
ТРИПОЛИ (ТАРОБЛИС)
ТУНИС
АФИНА
АНКАРА
ИЗМИР
НИКОСИЯ
БЕЙРУТ
ТЕЛЬ-АВИВ
ДИМАШК
БАГДОД
ТЕҲРОН
АММОН
АЛҚУВАЙТ
АРРИЁЗ
ДАВҲА
АБУЗАБӢ
МАНАМА
ХАРТУМ
АДДИС-АБЕБА
ЭРИТРЕЯ
ЭФИОПИЯ
ЧИБУТӢ
МОГАДИШО
НАЙРОБӢ
ВИКТОРИЯ
ДОРУССАЛОМ
ТАНЗАНИЯ
МОРОНИ
АНТАНАНАРИВУ
ПОРТ-ЛУИ
МАВРИКИЯ
Реюньон
Диего-Суарес
Таматаве
Мадзунга
Мозамбик
Момбаса
Занзибар
Кампала
Кигали
Бужумбура
Лусака
Солсбери
Родезияи Ҷанубӣ
Ньямбане
Мапуту
Мафикенг
Габороне
Претория
Йоханнесбург
Кейптаун
Порт-Элизабет
Дурбан
Ист-Лондон
Мессер
Путермарицбург
Виндхук
Луанда
Лобито
Бенгела
Конакри
Монровия
Абидҷон
Аккра
Лагос
Ибадан
Яунде
Малабо
Либревиль
Порт-Гентиль
Браззавиль
Киншаса
Бамако
Дакар
Бинасу
Бисау
Нуакшот
Рабат
Тунис
Триполи
Каир
Хартум
Аддис-Абеба
Ҷибути
Дар-эс-Салом
Найроби
Кампала
Кигали
Бужумбура
Лусака
Солсбери

АФРИКА, ХАРИТАИ ГЕОЛОГӢ

АФРИКА, ХАРИТАИ ЭТНОГРАФИ


Франция
Италия
Югославия
Румыния
Болгария
Бахри Сиех
Бахри Арал
Бахри Каспий
Туркия
Кипр
Мальта
Бахри Ҳинд
Эрон
Минтақаи Бетараф
Арабистони Саудӣ
Алчазоир
Мавритания
Нигерия
Чад
Судон
Эфиопия
Сомали
Кения
Танзания
Замбия
Анголо
Намибия
Ботсвана
ЮАР
Мозамбик
Мадагаскар
Маврикий
Гвинея
Сан-Томе ва Принсипи
Экватор
Ҳалиҷи Гибралтар
Ҳалиҷи Аден
Ҳалиҷи Сидра
Ҳалиҷи Мозамбик
Ҳалиҷи Комор
Ҳалиҷи Сомали
Ҳалиҷи Гвинея
Ҳалиҷи Бенгал
Ҳалиҷи Форс
Ҳалиҷи Оман
Ҳалиҷи Форс
Ҳалиҷи Аден
Ҳалиҷи Сидра
Ҳалиҷи Мозамбик
Ҳалиҷи Комор
Ҳалиҷи Сомали
Ҳалиҷи Гвинея
Ҳалиҷи Бенгал
Ҳалиҷи Форс
Ҳалиҷи Оман

мавҷуд набошад; аз рӯи эътирози прокурор ва ғ. дида мебароянд (мод. 217 ҚҚ РСС Тоҷ. оид ба меҳнат). КБМ вазифадор аст, ки Б. м.-ро аз рӯзи супоридани ариза дар муддати 5 рӯз бинад. Б. м. дар ҳузури шахси манфиатдор ҳал карда мешаванд. Қарори КБМ бо ризояти тарафайн бо иштироки намояндагони маъмурият ва комитети иттифоқи касаба ҳал карда мешавад. Коргар ё хизматчӣ агар ғайриқонунӣ ё тартиби муқарраршуда аз кор холӣ карда шуда бошад, ё ба кори диг. ғайриқонунӣ гузаронида шуда бошад, ӯро органе, ки Б. м.-ро дида мебарояд, бояд ба кор барқарор намояд (мод. 219 ҚҚ РСС Тоҷ. оид ба меҳнат). Ҳалнома ё қароре, ки органи оид ба дида баромадани Б. м. дар бораи ба кор барқарор кардани коркуни ғайриқонунӣ аз кор холӣ кардашуда ё ба диг. кор гузаронидашуда баровардааст, бояд фавран ичро карда шавад (мод. 221 ҚҚ РСС Тоҷ. оид ба меҳнат). Қарори КБМ ва қарори дар бораи Б. м. баровардаи КФЗМИК-ро маъмурияти корхона, муассиса, ташкилот бояд дар мӯҳлати 10 рӯз ичро кунад, ба шарте, ки дар қарор дигар хел мӯҳлати ичрои он нишон дода нашуда бошад. Агар маъмурияти корхона, муассиса, ташкилот, комитети ф-кӣ, з-дӣ, маҳаллӣ қарори аз рӯи моҳияти Б. м. баровардаро ичро накунад, ба коргар ё хизматчӣ шаҳодатномае медиҳад, ки он қувваи варақаи ичроро дорад (мод. 224 ҚҚ РСС Тоҷ. оид ба меҳнат). Корманди бо қарори КМБ розӣ набуда, метавонад дар мӯҳлати 10 рӯз (аз рӯзи ба ӯ супорида шудани нусхаи ҷои даҳлдори протоколи маҷлиси комиссия) ба КФЗМИК муроҷиат намояд. Дар мавриди бо қарори даҳлдор розӣ набудани корманд метавонад дар давоми ҳамон мӯҳлат бо ариза дар бораи ҳалли Б. м. ба суди халқии районӣ (шаҳрӣ) муроҷиат намояд (мод. 227 ҚҚ РСС Тоҷ. оид ба меҳнат). Б. м.-и дар байни аъзоёни колхоз ва органҳои роҳбарикунандаи колхоз рӯйиҳандаро правлениями колхоз ё маҷлиси умумии колхозчиён ҳал мекунад.

Ад.: Кодекси Қонунҳои РСС Тоҷикистон оид ба меҳнат, Д., 1973; Юридический справочник, М., 1973. *У. Назиров.*

БАҶУВ, деҳа дар С. қ. Пастхуфи р-ни Рушони ВАБК. Терр. с-зи «Рушоно». Аз Б. то С. қ. 15 км, то маркази район 25 км, роҳ мошингард. Аҳол. қариб 300 наф. (1976), тоҷикон. Дар деҳа мактаби 8-сола, клуб, китобхона, пункти тиббӣ ва нуқтаҳои савдо ҳаст. Соҳаҳои ҳоҷагӣ — чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз дарьёчаҳои кӯҳӣ обьёрӣ мешаванд.

БАҶУЙҲО, пиг. *Ҳалқҳои Помир.*

БЕБЕЛЬ (Bebel) August (22. 2. 1840, Кёльн-Дейц — 13. 8. 1913, Пассугг, Швейцария), ходими ҳаракати коргарии немис ва байналхалқӣ, яке аз асосгузорон ва роҳбарони с.-д-и Германия ва Интернационали II. Аз оилаи унтерофицери камбағал. Мои 1860 дар кори Иттифоқи маорифпарварии коргарони маҳаллии Лейпциг фаъолона иштирок кард. С. 1867 раиси Иттифоқи ҷамъиятҳои коргарони немис шуд, ки он с. 1868 ба Интернационали I ҳамроҳ гардид. Дар натиҷаи иштирок

ЭЗОҲИ ХАРИТАИ ЭТНОГРАФИИ АФРИКА

ОИЛАИ СОМИЮ ҲОМӢ

Гурӯҳи сомӣ

I. 1. Арабҳои РМА, Судон, Марокаш, Алҷазоир, Тунис, Либия, Сахрои Кабирӣ Мағриб (Ҳассания), нимҷаз. Арабистон

II. 2. Амҳор (ва гураге). 3. Тигре, 4. Тиграи

Гурӯҳи кушҳо (кушҳо)

III. 5. Сомали, 6. Галла, 7. Агау, 8. Данакил, сахо, 9. Беҷа

IV. 10. Сидамо, бурҷи, каффа, омето, гимирра, 11. Ираку

Гурӯҳи барбарӣ

V. 12. Қабилиҳо, 13. Рифҳо, 14. Тамазигт, 15. Шлёх, 16. Шавийя, 17. Барбариҳои воҳаҳо, 18. Туарегҳо

ГУРӮҲИ ХАУСАЮ КОТОКО

VI. 19. Хауса, 20. Ангас, аниве, сура, 21. Баде, болева ва диг., 22. Бура, бата ва тера, 23. Мандара, 24. Маса, 25. Муби, 26. Котоко

ОИЛАИ БАНТУ

VII. 27. Фанг, булу, этон, нунде, мака, 28. Дуала, балунду, баса, 29. Бакота, 30. Мпонгве, бакеле, 31. Буби, 32. Баньяруанда, 33. Барунди, 34. Кикуйю, 35. Акамба, 36. Багаҷа ва басога, 37. Баньоро, баньяколе, баторо ва диг., 38. Балухья, 39. Баконҷо, 40. Баконго, 41. Бамбунду, 42. Монго, батетела ва ғ., 43. Бобанги, банҷала, 44. Бабоа, 45. Бакомо ва валега, 46. Бакуба, 47. Батеке, басаката, 48. Балуба, 49. Бемба, 50. Тонга ва басубиа, 51. Суахили (васуахили), 52. Ваньямвези, 53. Ваньятуру, 54. Вагого, 55. Вазарамо ва васагара, 56. Вачагга ва вапаре, 57. Вашамбала, 58. Ваньика, ватеита ва вапокомо, 59. Вахехе, 60. Маконде, 61. Макуа, 62. Малави, 63. Вакинга, ваяо, 64. Вафипа, 65. Машона, 66. Амакоса, 67. Зулусҳо (амазулу), 68. Ангони, 69. Матабеле, 70. Амандебеле, 71. Амасвази, 72. Вапеди, 73. Басуто, 74. Бечуана, 75. Балози, 76. Бавенда, 77. Тсонга, 78. Овимбундлу, 79. Овамбо ва ваньянека, 80. Гереро (овагереро), 81. Вачокве, 82. Валучази, 83. Ванкойя ва вамбуэла, 84. Балунда

VIII. 85. Қабилаҳои пигмейҳои бантузабон: бабинга, бакола ва диг.

ГУРӮҲИ БАНТУИ ШАРҚӢ

IX. 86. Тив, экои, боки, ҷарава, 87. Ибибио, 88. Бамилеке, 89. Бамум, ном, 90. Биром ва ҷерава, 91. Камбари ва катаб

ГУРӮҲИ ГУР (БАНТУИ МАРКАЗӢ)

X. 92. Моси, дагомба, мампруси, нанкансе, дагари, 93. Груси, касена, нунума, сисала, курумба, 94. Лоби ва бобо, 95. Догон, 96. Сенуфо, 97. Гурма, конкомба, моба, 98. Сомба, 99. Тем, 100. Барба, 101. Куланго

ГУРӮҲИ АТЛАНТИКӢ (БАНТУИ ҒАРБӢ)

XI. 102. Фульбе (фула, фулани), тукулер

XII. 103. Волоф, 104. Серер, 105. Киси, темне, бага, 106. Диола, 107. Баланте, манҷак, пепель ва диг., 108. Гола

ГУРӮҲИ СОНГАИ

XIII. 109. Сонгаи, ҷерма, денди

ОИЛАИ МАНДЕ

XIV. 110. Малинке ва бамбара, 111. Сонинке, 112. Ваи, коно

XV. 113. Сусу, 114. Менде, 115. Кпелле, 116. Лома ва банди, 117. Мано, дан ва квени, 118. Буса, 119. Сану

ГУРӮҲИ ГВИНЕЯГӢ

Гурӯҳи хурди кру

XVI. 120. Бакве, гребо, кру ва кран, 121. Гере, басса ва сикон, 122. Бете

Гурӯҳи хурди ква

XVII. 123. Акан (ашанти, фанти, ҷвапим, бауле ва анья, абронг, гонжа) ва га, 124. Эве, дагомейҳо, тофини, максе, 125. Йоруба, 126. Ибо, 127. Бини, 128. Нупе, гбари, игбира

Гурӯҳи хурди ичо

XVIII. 129. Ичо

ХАЛҚҲОИ СУДОНИ МАРКАЗӢ ВА ШАРҚӢ

XIX. 130. Азанде 131. Банда, 132. Гбайя ва игбанди, 133. Багирми, сара, бонго ва диг., 134. Морумангбету, 135. Сере-мучиду, 136. Вуте, 137. Чамба, мумуйе ва диг., 138. Чукум, 139. Фор (фур), 140. Маба, 141. Тама, 142. Дагго, 143. Мурле, 144. Берта, 145. Кунама ва барея, 146. Қабилаҳои пигмейҳои моруманг-бетуманг, 147. Халҳои Кордофан (новлиб-тагой, надугли-кронго ва диг.)

ОИЛАИ НИЛОТ

Гурӯҳи шимолӣ

XX. 148. Динка, 149. Нуэр, 150. Шиллук, 151. Луоҳои ҷанубӣ, (ачоли, ланго), 152. Луо

Гурӯҳи шаркӣ

XXI. 153. Бари, 154. Лотуко, 155. Тесо, туркана ва карамочо, 156. Масаи

Гурӯҳи ҷанубӣ

XXII. 157. Нанди, 158. Суи, 159. Татог

Гурӯҳи нуба

XXIII. 160. Нубагиҳо (ниҷуниҳо нубагиҳои мӯҳиҳо)

ГУРӮҲИ КАНУРИ

XXIV. 161. Канури, манга, мобер, 162. Тубу (тода) ва загава

ГУРӮҲИ БУШМЕН

XXV. 163. Бушменҳо, 164. Хадзапи (хандзиа)

ГУРӮҲИ ГОТТЕНТОТ

XXVI. 165. Готтентотҳо ва дамараҳои мӯҳистон, 166. Сандаве

ОИЛАИ МАЛАЙЮ ПОЛИНЕЗӢ

Гурӯҳи индонезӣ

XXVII. 167. Малагасиҳо

ХАЛҚҲОИ ЗАБОНҲОИ ХИНДУАРОПОӢ

XXVIII. 168. Афганиҳо (ниҷуниҳо дуранҳо) 168а. Англисҳо. 169. Либериҳо

XXIX. 170. Испаниҳо. 171. Португалиҳо, 172. Французҳо

XXX. 173. Ҳиндуҳо (ҳиндӣ, гуҷаротҳо ва диг.)

дар ҳаракати коргарӣ, мутолиаи адабиёти социалистӣ ва шиносоӣ бо В. *Либкнехт* Б. аз мавқеи демократизми либералӣ ба мавқеи демократизми революционӣ ва сонӣ ба марксизм гузашт. С. 1869 бо В. Либкнехт Партияи с.-д.-и коргарии Германияро (ниг. *Эйзенахчиён)* ташкил кард. Б. дар 27-солагиаш ба рейхстаги иттифоқи Германияи Шимолӣ интихоб шуда, ба муайян кардани асосҳои тактикаи парламентии с.-д.-и немис шурӯъ намуд. 25 мае 1871 ӯ дар рейхстаг баромад карда, *Коммунаи Парижро* ҳимоя кард. 26 марти 1872 Б.-ро ба хиёнати давлатӣ айбдор ва ба муддати 2 сол ҳабс карданд.

Б. ба ғалабаи социализм эътиқоди қатъӣ дошт. Ӯ социализмро марҳалаи қонунии тараққиёти ҷамъият донист. Нутқҳои Б. дар рейхстаг, ки ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бахшида шуда буданд, таълимоти иқтисодии К. Марксро тарғиб мекарданд. Б. муборизи оштинопазири зидди милитаризм ва ҷанг буд. Классикони марксизм-ленинизм ба фаъолияти Б. баҳои баланд додаанд. Халқи немис дар муборизаи барои сулҳ ва демократия беҳтарин анъанаҳои революционии Б.-ро истифода мебарад.

БЕВАЗНӢ, ҳолати ҷисми материалӣ, ки дар он қувваҳои беруная ба ҷисм таъсиркунанда ва ё ҳаракати ҷисм боиси пайдоиши фишори мутақобилаи заррахо намегардад. Дар майдони ҷозибаи Замин ба ҷисми ором қувваи вазнинӣ ва қувваи реакцияи такъягоҳ, ки самти акс дорад, таъсир мекунанд — дар ин сурат заррахои ҷисм аз тарафи якдигар фишори мутақобил мебинанд. Ин фишорро организми инсон чун вазн ҳис мекунад. Ин ҳол дар лифти бо тезшавии $a = g$ поёнфурояндa (g — тезшавии озодафтии ҷисм) низ ҳис мешавад. Аммо дар сурати $a = g$ будан ҷисму лифт озод меафтанд ва ба якдигар таъсири мутақобил намерасонанд — ана ҳамин гупа ҳолатро ҳолати Б. меноманд. Ҷисмҳои дохили радифи маснӯъ (ё киштии кайҳонӣ) дар ҳолати Б.-анд, зеро онҳо ва заррахои онҳо ҳамрохи радифи маснӯъ суръати якхела гирифта, дар майдони ҷозиба бо тезшавии якхела ҳаракат мекунанд ва якдигарро таъсири мутақобил намебахшанд.

Умуман, ҷисм дар зери таъсири қувваҳои беруна он гоҳ дар ҳолати Б. буда метавонад, ки а) қувваҳои беруна ҳаҷ қувваҳои ҷозиба бошанд; б) майдони ин қувваҳо локалӣ якҷинса бошад, яъне қувваҳои майдон ба заррахои ҷисм дар ҳар як мавқеи он тезшавии якхела (аз ҷиҳати бузургӣ ва равиш) бахшанд; в) суръати ибтидоии ҳама заррахои ҷисм аз ҷиҳати бузургӣ ва равиш якхела бошанд (ҳаракати ҷисм пешраванда мешавад). Ҳамин тариқ, ҳар гуна ҷисми андозааш аз радиуси Замин хурде, ки дар майдони ҷозибаи Замин дар мавриди набудани қувваҳои беруна озодона ба пеш ҳаракат мекунад, дар ҳолати Б. мешавад.

Проблемаи Б. яке аз проблемаҳои муҳими кайҳоннавардӣ мебошад, зеро шароити Б. аз шароити муқаррарии заминӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Ин махсусан барои системаҳое, ки зарфҳои нимпури моеъ доранд, муҳим аст, мас., дар дастгоҳи муҳаррикҳои ракетии моеъгӣ (ки ҳангоми парвоз онҳоро чанд карат ба кор андохтан лозим меояд) дар ҳолати Б. моеъ дар зарф мавқеи ғайри дилхоҳ гирифта, кори мӯътадили система (мас., аз бакҳои сӯзишворӣ ҷорӣ шудани компонентҳо)-ро вайрон карда метавонад. Бинобар ин, барои дар шароити Б. таъмин кардани кори мӯътадили муҳаррикҳои ракетии моеъӣ яке аз усулҳои зеринро истифода мекунанд: дар бакҳои сӯзишворӣ ҷудо кардани фазаҳои моеъ ва газ бо ёрии ҷудокунакҳои эластикӣ (мас., дар станцияи автоматии байнисайёравии «Маринер»); бо ёрии муҳаррикҳои ракетии иловагӣ то ба кор андохтани муҳаррикҳои асосӣ ба вуҷуд овардани «вазнинии сунъӣ»-и кӯтоҳмуддат ва ғ. Ҳолати Б. ба функцияҳои ҳаётии кайҳоннавардон (системаи асаб, аппаратҳои вестибулярӣ ва артерияҳои хун) таъсири ғайримуқаррарӣ мерасонад. Дар парвози дарозмуддати кайҳонӣ таъсири ғайримуқаррарии Б.-ро бо ёрии усулҳо ва воситаҳои гуногун (машқҳои мушакӣ, электростимуляцияи мушакҳо, профилактикаи фармакологӣ ва ғ.) пешгирӣ ё кам кардан мумкин аст. Б. инчунин дар иҷрои баъзе процессҳои технологӣ, ки дар шароити заминӣ имконнопазиранд, мас., ҳосил кардани материалҳои композиционии дорои структураи дар тамоми ҳаҷм якҷинса ё ҷисмҳои комилан кураві ва ғ. аҳамияти калон дорад. Кафшери электрикии материалҳои гуногун дар шароити Б. ва вакуум бори нахуст ҳангоми парвози киштии кайҳонии «Союз-6» (1969) гузаронда шуд. Дар станцияи мадории америкоии «Скайлэб» (1973) низ як қатор таҷрибаҳо оид ба кафшер, омӯхтани хосиятҳои ҷоришавӣ ва кристаллизацияи материалҳои гудохта гузаронда шуд. *Ш. Тӯйчиев.*

БЕГОНАШАВӢ, ниг. *Ғайрият.*

БЕГОРӢ, меҳнати бемузди маҷбурии ранят ба фоидаи давлат ва феодал (сохтмони роҳ, бино, кӯпрук, ҷӯйтозакунӣ ва ғ.). Амалдорони давлатӣ аксар дар мавсими корҳои саҳро ба деҳае рафта ба Б. одам ё барои музди меҳнати мардикор пул ҷамъ мекарданд. Дар ин сурат аҳли деҳот пули нақд дода, аз Б. халос мешуд. Б. дар замони Сосониён низ вуҷуд дошт. *А. Ягонӣ.*

БЕД (Salix), авлоди дарахт ё бутта аз *бедиҳо.* Б. баргҳои соддаи яклухти пешбаргнок дорад. Дар РСС Тоҷ. вобаста ба баландии мавзеъ нисбат ба сатҳи баҳр аз моҳи февр. то июнь гул мекунад. Ҳар як шукуфаи Б. 2—8 гардбаргаю 2 мевабарга дорад. Б. бо ҳашарот гардолуд мешавад.

Дар дунёё 600 ва дар СССР зиёда аз 200 намуди Б. паҳн шудааст. Дар Тоҷикистон аз Б.-ҳои маҳаллӣ дар баландиҳои 300—4800 м аз с. б. S. excelsa—сиёҳбед, S. wilhelmsiana—ангатбед, S. coeruleiformis — оимбед, S. capusii — садабед, S. turanica — сангбед, S. hypericifolia — химчабед, S. daviesii — газбед, S. iliensis — падабед, S. linearifolia — ғозбед, S. karelinii, S. fedtschenkoi, S. rosmalinifolia L. subsp. schugnanica, S. coesia, S. pycnostachya ва аз Б.-ҳои ғайримаҳаллӣ бештар S. babilonica — маҷнунбед, S. purpurea — сурхбед, S. alba—сафедбед, S. aegyptica—мушкбед ва ғ. месабзанд. Б.-ро бо мақсадҳои ороишӣ, наҷҷорӣ, мустаҳкам кардани соҳили дарёё ва ғ. парвариш мекунанд. Дар аксари ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон Б.-зорҳо мавҷуданд.

Ад.: Левицкий И. И., Ива и ее использование, М., 1965; Скворцов А. К., Ивы СССР, М. 1968.

М. И. Исмоилов.

БЕДА́, номи дигари юнучқа; алафи хушкондаи юнучқа. Дар баъзе маҳалҳо хошокро низ Б. меноманд. Ниг. *Хошок, Юнучқа.*

БЕДА́К, деҳа дар С. қ. Косатароши р-ни Панҷакент, вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Калинин. Аз Б. то маркази С. қ. 5 км, то район 23 км, роҳҳо мошингард. Аҳол. 342 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, китобхона, магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ—тамокукорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз чашмаҳо обьёрӣ мешаванд.

БЕДА́К, деҳа дар С. қ. Навдӣ, р-ни Ғарми РСС Тоҷ. Терр. с-зи «50-солагии Тоҷикистон». Аз Б. то маркази С. қ. 3 км, то район 4 км, роҳ автомобильгард. Аҳол. 690 наф. (1976), тоҷикон. Б. мактаби миёна, клуб, китобхона, пункти тиббӣ, магазин ва чойхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорво, боғ ва кирмакдорӣ, инчунин тамокукорӣ. Заминҳо аз сои Лояк ва чашмаҳо обьёрӣ мешаванд.

БЕДАНДОНАКҲО́ (Anodonta), авлоди нармбаданҳои оби ширин, мансуби *садафакҳо.* Бо садафи (дарозиаш то 25 см) дупаллаи бо пардаи эластикӣ баҳамдигар пайваст пушида шудаанд. Қариб 50 намуд мебошанд. Б. дар зери об ё қабати лои кӯл ва оби ором зиндагӣ мекунанд. Ғизояшон обсабз, бактерия ва боқимондаи онҳо. Кирминаи Б. (глохидияҳо) дар

Бедандонак (Anodonta sogdiana).

пўсти моҳӣ паразитӣ мекунанд. Садафи Б. дар чарчинворӣ чун ашёи хом ва гўшти онҳо чун хўроки ҳайвоноти х. қ. истифода мешавад.

БЕДГӮЛ, харзаҳра (Nerium), авлоди растанӣ, мансуби *кандириҳо*. Ҳамагӣ 3 намудаш дар кишварҳои Б. Миёназамин ва Осиёи субтропикӣ паҳн шудааст. Ҳамаи намудҳои Б. буттаҳои баланди ҳамешасабзи ороишианд. Б. барги ғафси 3—4-тогӣ рӯ ба рӯи якдигар ё ҳалқавор ҷойгиршуда, гулҳои сурх, гулобӣ, сафед ё зард ва меваҳои сертухми варақашакл дорад. Б.-и **муқаррарӣ** (N. oleandr, ниг. расм) бештар маъмул аст. Дар СССР дар соҳили ҷан. Қрим, соҳили Б. Сиёҳи Кавказ, дар Закавказия, ноҳияҳои ҷан. Осиёи Миёна, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. парвариш мекунанд. Дар Эрон низ вомехўрад. Дар диг. ноҳияҳо танҳо дар хонаҳо месабзад. Ҳамаи қисмҳои Б. аз сабаби гликозидҳои олеандрин, корнерин ва г. доштапашон заҳрноканд. Бо дорухое, ки аз барги Б. мегиранд (нериолин ва корнерин) ихтилоли фаъолияти дилу рагҳоро бартараф менамоянд.

Бедгули муқаррарӣ (Nerium oleandr).

Дар тиббӣ халқӣ бо барги Б. варам, дарди миён, раг кашӣ ва тарбод (ревматизм)-ро муолиҷа мекунанд. Гули Б. мўйро нарму хушранг менамояд. Бо оби гули Б. муш, мўрча ва г.-ро гурезондан мумкин аст. Баргу гули бо равғани зайтун ҷўшондаи Б. шукуфа, сарсом ва хоришро нест мекунад.

Ад.: Приступа А. А., Основные сырьевые растения и их использование, Л., 1973. *А. Ганиев.*

БЕДИЛ بيدل Мирзо Абдулқодир (1644, ш. Азимободи вил. Бангола — 1721, Деҳлӣ), шоир, насрнавис, файласуф ва мутафаккири форсизабони Ҳиндустон буда, дар байни точикони Осиёи Миёна ва Афғонистон шўҳрати бузург дорад. Дар эҷодиёти худ умдатарин қисмати осори бадеӣ ва ҳунари адабии шоирони форс-точикро аз Рўдакӣ то Ҷомӣ ва андешаҳои адабию фалсафии Саноию Аттор, Ҷалолуддини Румӣ ва Ибни Арабиро синтез намудааст. Фалсафаи бостонии Эрони Қадим, Юнону Ҳинд ва араб ба ақидаҳои адабию фалсафии ў замина гузоштаанд. Аҳли илму адаб Б.-ро бо унвони Абулмаонӣ ёд мекунанд.

Падар ва бобои Б. аз мардуми атрофи Самарқанд буда, дар замони ҳунрезиҳои мазҳабии хонҳои ўзбек ва Сафавиёни Эрон тарки ватан карда, рў ба Ҳинд овардаанд. Гузаштагони Б. аз сипоҳиён будаанд ва худи ў низ сипоҳизода аст. С. Айнӣ ба таркиби номи Б. ва хешовандонаш илова гардидани калимаи «мирзо»-ро далели сардори бузурге будани яке аз гузаштагонаш донистааст. Б. забони ҳудро форсӣ гуфтааст. Дар тифлӣ аз падар ятим монда, тарбияи модари ҳуҷсаводашро гирифт ва дар 5—6 солагӣ ба мактаб рафт. Дар ҳафтсолагӣ Қуръонро аз ёд карда, то даҳсолагӣ ба омўзиши сарфу наҳви арабӣ ва мутолиаи осори назму насри форсӣ-точик шуғл варзид. Соҳиби истеъдоди фавқулоддаи фитрӣ буд. Истеъдоди шоириаш аз 10-солагӣ зоҳир шуд. Баъди вафоти модараш тарбияи Б.-ро амакаш Мирзо Қаландар ба ўҳда гирифт. Бо ташвиқи амакаш мадрасаро тарк намуда (дар назари Мирзо Қаландар таҳсил дар мадраса афсонаҳонӣ буда, монеи равнақи истеъдоди ҳақиқӣ мешудааст), ба худомўзӣ гузашт. Илмҳои расмӣ ва тасаввуфро аз шайх Камол ном шахс, тафсиру ҳадис ва адабиёти арабро дар ноҳия тагоняш — Мирзо Зариф омўхт. Ташаккули афкори Б. ба маҳфили Мирзо Қаландар сахт вобастагӣ дошт. Дар маҳфили ў донишмандон, аҳлу дину оинҳои гуногуни ишторок доштанд, ки Б. онҳоро устодони маънавии ҳуд медонад. Ақидаҳои адабию фалсафии Б. аз ду сарчашма — сарчашмаи исломӣ ва ҳиндӣ пайдо гардидааند. Б. дар 12—16-солагӣ бо таъсири таълимоти дини илоҳӣ *(сулҳи кул)* ба илму донишу ва тариқатҳои мухталифи динӣ майл кард. Дар 17-солагӣ ҳамроҳи тагоняш Мирзо Зариф ба мулки Удеса (ҷан. Ҳиндустон) сафар карда, бо олим ва рўҳшиноси машҳур Шоҳ Қосими Ҳуваллоҳӣ шинос шуд ва бо роҳбарии ў се сол дониши ҳудро такмил дод. Баъди ин ба ошкоро шеър гуфтан сар кард. Дар ин айём Мирзо Зариф ва Мирзо Қаландар панҷам аз олам гузаштанд. Б. дар 21-солагӣ ба роҳи зиндагии мустақил ва ба поёни нави фикрӣ қадам гузошт. Шоир зодгоҳи ҳудро тарк намуда, ба Деҳлӣ рафт ва бо Шоҳкобулӣ ном маҷзуби ҳиндинажод шинос шуда, ба тариқати маҷзубия майл кард. Муаммои илми сеҳр (гипноз) ва амалиёти соҳир Шоҳкобулӣ, ки Б.-ро чанд маротиба аз «таҷрибаи психологӣ» гузаронида буд, шоири файласуфро дар ҳайрат гузошт. Б. бо неруи тавонои ақл асрори ин илмро кашф кард. Вай аз унсурҳои илми сеҳр дар эҷоди бадеӣ истифода карда бошад ҳам, поёни ақидаи Шоҳкобулиро «олами ҳоб» донист ва андешаю фаҳмиши фалсафии ҳудро, ки ба «олами бедорӣ» ва «огоҳӣ» асос ёфтааст, ба он муқобил гузошт. Б. дар 25-солагӣ ҳонадор шуда, барои таъмини маишати оила чанд вақт дар дарбори Аъзамшоҳ касби падар — сипоҳигариро ихтиёр кард. Вале навкарии Аъзамшоҳ ва муҳити дарбор ба эътиқоду табиати олодиҳоҳ ва маъниҷуи Б. созгор наафтод. Яке аз наздикони Б. шоирии ўро ба шоҳзода хабар дод, шоҳзода аз Б. дар мадҳи ҳуд қасидае дархост кард. Б. ин муддаоро рад кард ва аз ҳилмати шоҳ даст кашид. Умуман Б. дар мадҳи касе қалам нароидааст ва дар ин хусус чунин ақида дорад:

Эй басо маъниҳо равшан, ки зи ҳирси шуаро
Ҳоки чавлонгаҳи осну ҳари аҳли ҷоҳ аст.
В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ
Рўсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Марчаи маъниро ин суст ҳаёлон дарьёб,
То бидони, чи қадар фитраташон кўтоҳ аст!
Силамуштоқи гадотабъ зи маъмуни баланд
Гар ҳама ноён бар афлоқ нихад, дар ҷоҳ аст!

Б. пас аз тарки навкарӣ аз Деҳлӣ ба Акбаробод (Агра) рафта, дар маҳфилҳои адабӣ иштирок, бо шоиру донишмандони вақт Зуҳурӣ, Иззат ва диг. ошноӣ ва бо ҳокими фозилу шеърдўст Мири Комгор дусти пайдо кард. Ин давра дар инкишофи фикрии шоир марҳилаи наве буд. Ў донишеро, ки аз манбаъҳои ҳиндию исломӣ гирифта буд, ба мизони ақл санҷида, ба олам бо назари тоза менигаристаги шуд. Ин ҳол бояси афзудани зиддиятҳои ақидавии Б. ва диг. аҳли илму адаб гардида, беш аз ин дар Акбаробод таваккуф карда натавонист ва ба Деҳли бармашт. Вале Деҳли низ ҷои осоиш набуд. Дар натиҷаи авҷи амалиёти мутаассибонаи Аврангзеб (1658—1707) ва ҳалли сиёсии пойтахт тезу тунд гардида, дар мунофиҳо шўриш ба амал меомад. Б. бо маслиҳати дўстон дар сурати маҷзуб ба Лоҳур (Панҷоб) рафт. Ин дафъа маҷзубии ў як навъ никоби мухофизат аз ошўбиҳои давр буд. Дар ин сафар Б. аз олимону шоирони давр бо Шукруллоҳони Наввоб воҳурда унс гирифт. Бо ёрии Шукруллоҳон дар Лоҳур, Кашмир, Мултон, Сарҳинд ва г. саёҳат карда, бо олимон, шоирон, донишмандони мусулмону ҳинду сухбатҳои илмию адаби ороста. Ин сухбатҳо барои Б. як мактаби тоза буданд ва ба табъу андешаи файласуфи навчўи навгу мувофиқ афтоданд. Дар ин ҷо «Ушоиншоҳ», «Моҳабҳарата» барои асарҳои илмию фалсафии дар замони Дорошукуҳ ба форсӣ тарҷумашудаи ҳиндиро, ки дар китобхонаи Шукруллоҳон маҳфуз буданд, мутолиа кард. Зиндагии Б. то с. 1666 дар шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон бо сарпарастии Шукруллоҳон гузашт. Баъди Шукруллоҳ [illegible] ба Деҳли даъват карда мансаби [illegible] додани Аврангзеб Б. низ ба Деҳли омада, то охир он ҷо мон[illegible]

Б. дар шароити таърихии сиёсию иқтисодии мураккабе зиндагӣ ва эҷод карда, дар муддати 77 соли умр замони 11 подшоҳро дидааст. Дар охирҳои умри Б. дар Ҳиндустон як силсила воқеаҳои нохуш рӯй доданд, ки ҷанги шоҳзодагон ва низоъҳои мазҳабии мусулмонону ҳиндуҳо аз ҷумлаи онҳоянд. Давлатҳои Европаи Ғарбӣ, мисли Португалия, Франция ва Англия аз ин тафриқаи халқҳои Ҳиндустон ва диг. зиддиятҳои феодалӣ истифода бурда, бо баҳонаи тиҷорат ба Ҳиндустон омада, баъзе ҷазираҳои онро мустамлика, баъзе бандарҳоро забт карда, дар фикри ишғоли тамоми Ҳиндустон шуданд. Б. нисбат ба муҳити давр ва воқеаҳои замонаш бетараф набуд. Вай хоҳони барҳам додани адовати мазҳабӣ ва тарафдори дӯстии ҳиндуҳою мусулмонон буд, зеро медонист, ки ободӣ ва истиқлоли Ҳиндустон ба дӯстии халқҳои он вобаста аст. Б. ба рӯҳониёни мусулмон, ки ба ҳиндуҳо адоват доштанд ва оташи низоъҳои диниро доман мезаданд, гуфта буд:

Бе реша парокандагии дона аён аст,
Аз сабҳа маҷӯ рабт, чу зуннор намонад.

Мақсади Б. аз овардани муносибати решаву дона, сабҳаю зуннор исботи аҳамияти бузурги ягонагии мусулмонону ҳиндуён буд. Б. дар давраҳои миёнсолӣ чун шоҳиди бисьёр шӯришҳои халқӣ сабаб ва моҳияти онҳоро аз назари халқӣ таҳқиқ мекард. Ӯ мехоҳад «ба таҷдиди ирфон» «ҷаҳони наве» бисозад, барои сохтмони «ҷаҳони нав» андешаҳои гузаштагонро бо тааммули ҳайратовар аз нав таҳқиқ намуда, дониши худро пайваста такмил медод. Инкишофи тадричии моддаро андеша карда, назарияи нисбияти донишро дар олами афкор пешниҳод кард. Б. ба қобилияти тафаккури одам эътимоди бузург дошта, инсонро эҷодкор ва таҳиркунандаи олами модӣ медонист, роли омӯзиши муттасилро дар ин роҳ чизи асосӣ мешумурд. Вай дар бораи ҷамъияти идеалии «шаҳри офият» ва «иттифоқсокин» мулоҳиза ронда, афсонаҳои диниро дӯзаху биҳиштро мазаммат мекард; инчунин дар хусуси пеш аз гирифтани сурати одамӣ бӯзина будани одам муҳокима рондааст:

Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,
Одамӣ ҳам пеш аз он, к-одам шавад, бӯзина буд.

Б. адиб ва файласуфи сермаҳсул буд. Аз мероси ӯ 65 ҳазор байт шеър ва қариб 50 чузъи чопӣ асарҳои насрӣ боқӣ мондааст. Қисми асосии асарҳои Б. дар «Куллиёт»-аш, ки с. 1882 дар Бамбай чоп шудааст, гирд омадаанд. «Дебоча», «Ирфон», «Тури маърифат», «Нукот», «Ишорот ва ҳикоёт», «Руқаот», «Чор унсур», «Муҳити аъзам», «Тилисми ҳайрат», «Ғазалиёт», «Рубоиёт», «Қасоид», «Қитаот», «Таркибот ва тарҷеот», «Ташбеҳот ва тамсилот» ва г. Ғайр аз асарҳои чопии Б. дар деҳаю шаҳрҳои Осиёи Миёна нусхаҳои сершумори дастнависи осори шоир дар китобхонаҳои шахсӣ мавҷуданд.

Асарҳои Б. масъалаҳои гуногунро дарбар гирифтаанд. «Тилисми ҳайрат» (1669) дар шакли маснавӣ ва дар вазни ҳазаҷи мусаддаси мақсур гуфта шуда, аз 3750 байт иборат. Мавзӯи ин асар муносибати тан ва рӯҳи инсон аст. Б. рӯҳи инсонро ба подшоҳе монанд кардааст, ки аз олами қудс фуруд омада, мамлакатеро, ки асосаш хоку боду оташу об аст, ба даст медарорад. Дар асар як навъ талаб ва шарти хоси маърифат пешниҳод гардида, Б. таълимоти устодони исломии худ ва ақидаи Шоҳкобулиро, ки шоир чанд муддат дар зери таъсири ӯ монда буд, рад кардааст. Хулосаи фикри Б. ин аст, ки асли маънии ҳар гуна ақида ба шуури инсон вобаста буда, заминаи он дар олами воқеӣ вуҷуд надорад ва инсон аз рӯи дараҷаи фаҳмиши худ ба он маънии «бенишон» нишонаҳоеро нисбат медиҳад. Агарчи Б. дар ин асар ҳолатҳои рӯҳонӣ ва ҷисмонии инсонро бо истилоҳоти аҳли тасаввуф таъбир намудааст, ақидаҳои тарбиявию ахлоқии шоир бештар намудор мешаванд.

«Муҳити аъзам» (1681) маснавиест дар вазни «Шоҳнома» ва қариб 4500 байт дорад. Мундариҷаи асар аз ҳикоятҳои зиндагии аҳли тасаввуф иборат аст ва ақоиди фалсафии шоир доир ба офаринриши олам бо санъати мисол шарҳу баён ёфтааст. Б. аввалин маротиба роли таҷрибаро дар тасвири бадеӣ ба миён гузоштааст.

Маснавии «Тури маърифат» (1687) 1500 байт буда, дар вазни «Тилисми ҳайрат» таълиф ва ба Шукруллохон бахшида шудааст. Кӯҳистони Байрот (Дар Бангола) бо тамоми ҷилваҳои табиати шодобу пур аз маъданаш устодона тасвир ёфтааст. Б. кӯҳи Байротро ба Тури Мӯсо муқобил гузошта, қайд мекунад, ки агар он «Тури таҷаллии нури илоҳӣ» бошад, ин «Тури таҷаллии маърифат» аст. Б. шоирро аз рӯи «қонуни яқин» ба маърифати дуньёи воқеъ ва зебоиҳои ҳаёт мехонад ва таъкид менамояд, ки бо шунидан қонеъ нашуда, ба ҳар чиз бо чашми муоина бояд нигарист:

Ҳамоно кӯрӣ аст, эй ҳушдушман,
Ки диданҳот гум шуд дар шунидан!...
Сабақҳои хаёли хом то чанд?
Варақгардонии авҳом то чанд?
Ба дил то кай тавон занги ҳавас кошт,
Ки Искандар ачаб оинае дошт?
Агар таҳқиқи маънӣ нусхаорост,
Ба ҳар ҷо чашм во кардӣ, тамошост.
Кунун дар кӯҳи Байрот обу рангест,
Ки ҳар сангаш ба дил бурдан Фарангест...

Дар ин асар Б. бештар ба фалсафаи олами зинда наздик мегардад.

Маснавии «Ишорот ва ҳикоёт» аз 1300 байт иборат буда, дар вазнҳои гуногун назм шудааст ва бештар масъалаҳои тасаввуфу васфи табиатро дарбар мегирад. Дар «Руқаот» мактубҳои давраҳои гуногуни ҳаёти Б. фароҳам омадаанд. Аксари мактубҳо ба номи шахсоне иншо шудаанд, ки бо Б. алоқаи адабӣ ва фикрӣ доштаанд. Аксари номаҳоро Б. дар ҷавоби мактуби дӯстонаш навиштааст. Он мактубҳо барои донистани чигунагии муносибати ӯ бо баъзе ҳамзамононаш, лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёт ва ақидааш нисбат ба муҳити зиндагӣ ёрӣ мерасонанд.

«Чор унсур» (1703) аз калонтарин асарҳои насрии Б. буда, бо порчаҳои шеърӣ зинат ёфтааст. Ин асар илова ба масъалаҳои фалсафа, аз хусуси мактабхонӣ, хотираҳои давраи кӯдакӣ, аҳволи ёру рафиқ, хешовандон, муаллимон ва ҳамсӯҳбатони шоир маълумот медиҳад. Б. дар атрофи чор унсур: бод, об, хок ва оташ бештар муҳокима ронда, оид ба пайдоиши наботот, ҳайвонот ва инсон изҳори ақида кардааст. Ӯ барои такомули рӯҳонию ҷисмонии инсон ғизои мӯътадилро шарти асосӣ шумурда, бақои абадии мавҷудотро рад мекунад ва бақои инсонро дар корҳои неки ӯ медонад. Ин асар барои донистани замон, шахсият ва ақидаҳои фалсафии Б. маълумоти пурбаҳо медиҳад.

«Ирфон» (1712) бузургтарин асари манзуми Б. буда, дар вазни хафифи махбуни маҳзуф назм шудааст ва 11000 байтро дарбар мегирад. Фикрҳои тасаввуфӣ, ақидаҳои фалсафӣ, назарияҳои материалистии Б. масъалаҳое мебошанд, ки мундариҷаи асосии ин асарро ташкил додаанд. Б. чун файласуфони қадим обу оташу боду хокро асли моддаи мавҷудоти олам медонад. Дар хусуси хилқати ҷамодот, наботот ва ҳайвонот сухан ронда, инсонро мукаммалтарин шакли мавҷудот ҳисоб кардааст.

Ба ҳам овард хоку оташу об,
Кард шӯхӣ ба сурати одоб.
Ҷамъ то шуд, ҷамод ном гирифт,
Раст аз он ҷо, набот ҷом гирифт.
Ба равонӣ расиду ҳайвон шуд,
Ба сухан лаб кушоду инсон шуд.

Дар асар ақидаҳои ахлоқии шоир ифода шудааст. Ӯ сабаби ҳамаи бадахлоқиҳои мардумро аз бекорӣ ва муфтхӯрӣ медонад. Касби деҳқониро аз ҳама муҳим ва сарчашмаи зиндагии инсон мешуморад. Доир ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ андеша ронда, табақаи меҳнаткаш — деҳқононро аз тамоми гурӯҳҳои ҷамъиятӣ боло мегузорад; салтанатро «интизоми фасод» ва адолати шоҳонро найранге барои ғорати халқ медонад. Дар «Ирфон» бо унвони «Комде ва Мадан» достони ишқие ҳаст, ки дар он ақидаи нопойдории зулм таъкид шудааст. Ин достон аз достонҳои ишқии пешин («Фарҳоду Ширин», «Лайливу Маҷнун» ва г.) бо ин, ки қаҳрамонони асосиаш бо меҳнати зиёд ба мақсад расидаанд, фарқ мекунад. Дар достон санъат, озодии шахс, дӯстӣ, садоқат, ҳунар, мусиқӣ, илм, адолат ва накӯкорӣ мавриди тавсиф қарор гирифтааст.

«Нукот» асари мансур аст ва зоҳиран, Б. онро дар давраҳои гуногуни ҳаёташ навиштааст. Ин асар низ ақидаҳои фалсафӣ ва тасаввуфии адиброро дарбар гирифтааст. Б. диндорони мутаассиброро танқид карда, ба охират, зиндагии дубора, дӯзаху бихишт барин мафҳумҳои динӣ бовар надоштани худро изҳор кардааст.

Ашъори Б. чун «Ғазалиёт», «Рубоиёт», «Қасоид», «Қитъа ва қитъаҳои таърихӣ», «Таркибот ва тарҷеот» ва г., ки 37500 байтро ташкил медиҳанд, барои муайян намудани ҷаҳонбинии шоир аҳамияти калон доранд. Ашъори лирикии Б. масъалаҳои иҷтимоию сиёсии муҳиммеро дарбар гирифтаанд. Мавзӯъ ва мундаричаи ашъори ӯ мухталиф буда, таълифашон ба давраҳои гуногуни ҳаёташ рост меояд. Вай қуввати халқро дар иттифоқ дониста, таъкид мекунад, ки фақат ҳамфикрӣ ва муттаҳидӣ ҳуҷуми ҳар гуна душмани хориҷиро бездошта метавонад.

Б. дар тафаккури фалсафӣ ба материализм наздик шудааст. Аммо ӯ бештари маъниҳои аниқи фалсафӣ ва ақидаҳои иҷтимоии худро дар шакли мураккаб ва гоҳо сарбаста баён кардааст, ки мазмунҳои нозуки ашъораш на ҳамеша ба осонӣ дарк мешаванд. Тафаккури Б., ки аз манбаъҳои мухталифи илмию фалсафӣ об хӯрдааст, дар баёни фикру ақидаҳояш таъсире гузоштааст. Аз тарафи дигар, мушкилбаёнии Б.-ро аз тақозои *сабки ҳиндӣ* бояд ҷуст, ки дар эҷодиёти шоир ба мураккабии хосе расидааст.

Эҷодиёти Б., махсусан ашъори ӯ дар а-ҳои 18—20 байни аҳли адаби тоҷик хеле шӯҳрат ёфта, мушкилбаёнияш маҳфилҳои махсуси «бедилхонӣ» ба вуҷуд овард. Мушкилоти девони ӯ дар тарзи истинсохи он ҳам таъсир гузоштааст: котибон девони шоирро бештар бо хати шикаста ва гоҳо бенуқта нусхабардорӣ кардаанд. Тарзу услуби шеъри ӯ дар байни шоирони ин давраи тоҷик як мактаби алоҳида ба вуҷуд овард. Вале бештар пайравони Б. моҳияти фалсафию мазмуни иҷтимоии таълифоти ӯро дарк накарда, асосан шакли мураккаби ашъорашро тақлид кардаанд. Дар нимаи дуюми а. 19 мутафаккири бузурги тоҷик Аҳмади Дониш моҳияти ҳақиқии эҷодиёти Б.-ро дарк кард ва ба шогирду пайравони худ афкори пешқадамонаи ӯро таргиб намуд. Мунтаҳаби девони Б. дар мактабҳои кӯҳна ба сифати китоби дарсӣ таълим дода мешуд. Аз маҳфилҳои «бедилхонӣ», ҳатто бесаводони бедилдӯст низ баҳра мебурданд, ҳофизони халқӣ дар маъракаҳо ғазалҳои дилнишини Б.-ро месуруданд.

Б. шӯҳрати ҳақиқиро дар замони советӣ ёфт, мазмунҳои амиқи фалсафӣ ва иҷтимоии осори Б. ошкор ва дастраси хонандагон гардид. Дар таҳқиқи аҳвол ва таҳлили осори бедаволи Б. махсусан роли устод Садриддин Айнӣ бузург аст.

Ад.: Бертельс Е. Э., Бедил ҳакида мулоҳизалар, дар алманахи «Зафар», Тошкент, 1945, № 1; Айнӣ С., Мирзо Абдулқодири Бедил, Сталинобод, 1954; Айни Х., Бедил и его поэма «Ирфон», Сталинабад, 1956; Муминов М. М., Философские взгляды Бедиля, Ташкент, 1957; Амирқулов С., Аҳмади Дониш ва Мирзо Бедил, дар маҷм.: «Масъалаҳои филологияи тоҷик», Д., 1974; خلیل الله خلیلی، فیض قدس، کابل، ۱۳۳۲ ه.

С. Амирқулов.

БЕДИЛХОН, дар мактабҳои кӯҳна талабааст, ки Ҳафтьяку Қуръон ва Чаҳоркитобу девони Хоҷа Ҳофизро хатм карда, ба девони Мирзо Бедил расидааст. Дар а. 19 шӯҳрати Мирзо Абдулқодири Бедил ва шеъри ӯ дар байни аҳли адаби тоҷик ба дарачае боло рафт, ки боиси дар шаҳру деҳот, махсусан дар назди мадрасаҳо ба амал омадани маҳфилҳои махсуси «Бедилхонӣ» гардид. Бо таъсири ҳамин шӯҳрати рӯзафзун девони ғазалиёти Бедил ба сифати китоби дарсӣ дар мактабҳо омӯхта мешуд. Таълими девони Бедил марҳилаи охири таълими савод буд. Дар мактаб асосан тарзи навишти девони шоир — хати шикаста омӯхта мешуд, вале омӯзгор мундаричаи шеъри шоирро низ мувофиқи фаҳмиши худ ба шогирдон таълим медод. Инчунин аъзоёни маҳфилҳои «Бедилхонӣ»-еро, ки дар хондани хати шикастаи нусхаҳои девони шоир ва шарҳ додани ашъори ӯ тахассус доштанд, низ Б. меномиданд. *Ч. Азизқулов.*

БЕДИҲО (Salicaceae), оилаи дарахт, бутта ё буттачаҳои баргрез. Б. гулҳои майда, соғаршакли чудочинсаи духонаги (дучинсагии гул ва якхонаги будани Б. ҳодисаи аномали аст), бе пешгул (ғайр аз сафедор), 2—40 гардбарга ва 2—4 мевабарга, тухмҳои майдаи нӯкашои мӯякнок ва баргҳои соддаи бо навбат ҷойгиршудаи пешбаргнок ё бепешбарга доранд. Б. се авлод (бед, сафедор, чосения) ва тақрибан 700 намудро, ки дар минтақаҳои мӯътадил ва ҳунуки ҳар ду нимкураи замин вомехуранд, дарбар мегиранд. Б. бо тухм, бехчаст, қаламча ва пайванд нуму мекунанд. Дар РСС Тоҷ. аз Б. *бед* ва *сафедор* вомехурад.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 3, Л., 1968; Качалов А. А., Деревья и кустарники, М., 1970. *М. М. Исмоилов.*

«БЕДНОТА», газетаи ҳаррӯза, органи КМ ВКП(б), ки аз 27 марти 1918 то 31 янв. 1931 дар Москва чоп мешуд. Пеш аз «Б.» газетаҳои «Деревенская беднота», «Солдатская правда»-и Петербург ва «Деревенская правда»-и Москва мавҷуд буданд, ки дар давраи тайёр кардан ва гузарондани Рев. Каб. Соц. Октябрь чоп мешуданд. «Б.» дар давраи Ҷанги граждани мехнаткашони деҳотро ба мубориза мусаллаҳонаи зидди гвардияҷиёни сафед ва интервентҳо ба ёрии фронт сафарбар менамуд. Нимаи тиражи он (дар ох. 1919 тиражаш 750 ҳаз. нусха буд) ба қисмҳои армия фиристода мешуд. Ин газета дар мубориза барои ба амал баровардани сиёсати Партияи Коммунисти дар деҳот роли калон бозид. «Б.» ҷиддӣ ҷаҳди худро ба тарбияи оммаи деҳқонон, пропагандаи бартарии хоҷагии калони коллективи, равшан намудани масъалаҳои маданияти деҳот равона мекард. «Б.» аз 1 февр. 1931 бо газетаи «Социалистическое земледелие» муттаҳид шуд.

БЕДНЫЙ Демьян (тахал., фам. ва номаш Придворов Ефим Алексеевич; 13. 4. 1883, деҳаи Губовка, вил. Херсон — 25. 5. 1945, Барвихаи вил. Москва), шоири советии рус ва ходими ҷамъияти, яке аз асосгузорони реализми социалисти дар назм. Аъзои КПСС аз с. 1912. Ходими адабии газетаи «Правда» буд. Шеърҳои «Шеъри ман», «Ҳақиқат — модар», «Ба пеш ва баланд-тар», «Дар хусуси булбул» гоҳҳои революцияро таблиг мекард. С. 1913 маҷмӯаи аввалини Б. бо номи «Масалҳо» аз чоп баромад. С. 1917 қиссаи манзуми Б. «Дар бобати замину озоди ва насибаи коргар» нашр шуд. Дар достони «Кӯчаи калон» (1922) гоҳҳои революция тавсиф ёфтааст, инчунин «Зарраҳои барф», «Ҳеч кас намедонист» ба Ленин бахшида шудаанд. С-ҳои 1941—45 дар «Правда» ва «Оиннаи ТАСС» қиссаҳои манзуму лирикаи ватандусти («Ма, ба халқи худ бовар дорам») ва ҳаҷвияҳои зиддифашисти нашр кард. Бо эҷодиёти худ ба таҳаввули назми совети ва такомулоту демократи шудани забони шеър ва инкишофи жанри масал мусоидат кард. Бисёр ашъори Б., аз ҷумла маҷмӯаи шеърҳои «Барои инқилоб» ба забони тоҷики тарҷума шудаанд (1939). Бо ордени Ленин, Байраки Сурх ва медалҳо мукофотонида шудааст.

БЕДОНА, вартиш. (Coturnix coturnix), паррандаест аз оилаи *таҳар-ҳоҳо*. Вазнаш 100—145 г, дарозиаш тақрибан 20 см. Парҳои пушташ қаҳваранг (холҳои сиёҳу сафед дорад), парҳои синааш қаҳваранги зардчатоб. Нул ва поёнш чигарранг ҳулобитоб. Б. дар Европа, Осиё ва Африка паҳн шудааст. Мавзеи зисти Б. водиҳо, саҳрост. Ғизояш ҳашарот, мутча ва дон. 9—20 тухми серхол гузошта, дар 16—17 рӯз ҷуҷа мебарорад. Дар РСС Тоҷ. паррандаи мавсимист. Дар соҳиҳои деҳоти Зарафшон, Исфара, Кофарниҳон, Панҷ, пуштакӯҳҳои Тоҷикистони Марказӣ (то баландиии 2000 м) дар нимаи апр. пайдо шуда, дар охири авг. парида меравад. Зимистонро асосан дар Африка ва Осиёи Ҷан. Шарқӣ мегузаронад. Ба мартуми мавзе-

лӣ хониши Б. писанд омадааст. Дар солҳои охир барои истеҳсоли тухм ва гӯшти Б. онро дар фермаҳои махсус парвариш мекунанд.

Ад.: Абдусалямов И. А., Фауна Таджикской ССР, т. 19, Птицы, ч. 1, Д., 1971. *И. А. Абдусаломов.*

«БЕДОРИИ ТОҶИК», газета, органи Бюрои ташкилии фирқаи иштирокиюни (Партияи Коммунистӣ), Комитети ичроияи марказӣ ва Шӯрои марказии иттифоқи касабаи Тоҷикистон. Мувофиқи қарори Бюрои ташкилии ПК(б) Ӯзбекистон дар Тоҷикистон моҳи марти 1925 аввалин шумораи ин газета бо номи «Иди тоҷик» бо тиражи 1000 нусха аз чоп баромад. Аз шумораи дуюм «Б. т.» ном гирифт ва тиражи он 2500 нусха буд. Аз с. 1928 то 1 янв. 1955 (№ 7663) бо номи «Тоҷикистони сурх» ва аз янв. 1955 бо номи *«Тоҷикистони советӣ»* нашр мегардад.

БЕДОРХОБӢ, бенизомии хоби шабона. Б. аз дер хоб рафтан, саҳархезӣ ё тез-тез бедор шудан сар мешавад. Ин омилҳо боиси бенизомии хоб гашта ба хастагии умумӣ, кам шудани қобилияти корию фикрӣ ва дарди сар меоварад. Б. ҳангоми бемориҳои рӯҳӣ, маҳзи сар, сироятӣ умумӣ, хастагии ҷисмонӣ ё фикрӣ ва ғ. мушоҳида мегардад. Барои муолиҷаи Б. рафъи бемории асосӣ, ба тартиб даровардани меҳнату истироҳат, хоб, варзиши ҷисмонӣ ва баъзан истифодаи дорӯи хобовар тавсия мешавад.

«БЕЖАН ВА МАНИЖА» بیژن و منیژه аз силсилаи достонҳои *«Шоҳнома»*-и Фирдавсӣ, ки қиссаи муошиқати Бежани паҳлавони Эрон — писари Гев ва Манижаи духтари подшоҳи Турон—Афросиёбро дарбар мегирад. Б. бо фармони Кайхисрав ба ҷанги гурозон ноҳиз шуда, ҳамроҳи Гургин ба сафар мебарояд. Гургин бо фиреб Б.-ро ба даште бурд, ки М. базм ороста буд. Б. баробари дидани М. ошиқи ӯ мешавад. М. ҳам ба чавон дил бохта, ӯро ба қасри худ мебарад. Ин воқеа ба гӯши Афросиёб расида, ӯро ғазабнок мекунад. Ба васояти Пирон Афросиёб аз хуни Б. гузашта, ӯро ба чоҳ меандозад ва М.-ро урьён бадар меронад. Бо ёрии Рустам Б. аз чоҳ раҳо шуда, бо М. ба ватанаш — Эрон бармегардад.

К. Айнӣ.

БЕЗУРЬЁТӢ, бенаслӣ, насл дода натавонистани организми болиғ. Б. дар одам мутлақ ва нисбӣ мешавад. Ҳангоми Б.-и мутлақ дар организм тағьиротҳое ба вуҷуд меоянд, ки бартараф намудани онҳо ислоҳнопазир аст. Б.-и нисбиро бартараф намудан мумкин аст. Б.-и якумин ягон бор дуҷон нашудан, Б.-и дуюмин баъди 2—3 карат ҳомилагӣ аз зоидан мондани зан мебошад. Агар дар зарфи 2—3 соли аввали занушӯй насл нарӯяд, инро Б.-и никоҳӣ (никоҳи бенасл) меноманд. Б.-и мардон дар натиҷаи тамоман набудани нутфа дар нутфадон, ё ниҳоят кам будани он, вайроншавии ғадудҳои усораи дохилӣ, нуқсонҳои модарзодии хоя, сусткамарӣ, банд шудани роҳҳои нутфабарор ва ғ. ба амал меояд. Суиистеъмоли арақ ва тамокукашӣ ба аъзои ҷинсии мардон таъсироти бад мерасонад. Б.-и занон аз газак гирифтани найчаҳои бачадон ва суст шудани роҳи онҳо, сабзиши номукаммали тамоми бадан ва маҳз узвҳои ҷинсӣ, сиқти ҷанин ва бачагиронӣ, беморихои бачадон, нарасидани витаминҳо, вайроншавии ғадудҳои усораи дохилӣ, инчунин диг. касалиҳои занона рӯй медиҳад.

Муолиҷа: барҳам додани сабабҳои асосии Б., мас., агар сабаби Б.-и зан беморихои газакӣ бошад, бо антибиотикҳо, таъсири гармӣ, нур ва ғ. муолиҷа мекунанд ва агар ин чораҳо натиҷа надиҳанд—бо роҳи ҷаррохӣ. Дар мавриди суст кор кардани ғадудҳои усораи дохилӣ гормонҳоро истифода мебаранд. Дар вақти Б.-и мардон сабабҳои асосии Б.-ро бартараф менамоянд. *С. Х. Ҳакимова.*

Дар ҳайвонот Б. модарзодӣ (баъзан) ва ғайримодарзодӣ мешавад. Сабаби Б.-и ғайримодарзодӣ ғизои нокифоя ва камсифати ба процессҳои ҷинсӣ таъсиррасонанда, риоя накардани қоидаҳои бордоркунии сунъӣ ва табиии ҳайвонот, касалиҳои аъзои ҷинсии ҳайвони мода, касалиҳои сироятӣ (бруцеллёз, трихомоноз) ва ғ. аст. Б.-и ҳайвонот бо бартараф кардани сабабҳои асосии Б. муолиҷа карда мешаванд.

Ад.: Порудоминский И. М., Бесплодие у мужчин, Л., 1964; Мазлей Е. П., Клиника и терапия бесплодия женщины, Л., 1965; Давыдов С. Н., Причины бесплодного брака, М., 1967; Бочаров И. А., Бесплодие с.-х. животных, М.-Л., 1956.

БЕИНТИҲОӢ дар фалсафа, мафҳумест, ки дар ду маъниии мухталиф истифода мешавад: Б.-и сифатӣ, ки дар қонунҳои илм ифода ёфта, характери универсалии (умумии) робитаи ҳодисаҳоро муайян мекунад; Б.-и миқдорӣ, ки номаҳдудии процесс ва ҳодисаҳоро ифода мекунад. Масъалаи Б.-и сифатӣ ҳанӯз дар фалсафаи антиқӣ, алалхусус вобаста ба космогония ва масъалаҳои табиати тафаккур мавқеи баҳс қарор гирифта буд. Вале дар фалсафаи давраи нав (Р. Декарт, Ҷ. Локк, Г. Лейбниц) вобаста ба тараққиёти табиатшиносӣ ва масъалаҳои исботи мантиқии вай аҳамияти махсус пайдо кард. Г. Гегель масъалаи Б.-ро аз ҷиҳати фалсафӣ чуқур таҳлил карда, Б.-и ҳақиқӣ (сифатӣ)-ро аз Б.-и ботил чун миқдори беандоза афзоянда фарқ мекунад ва категорияи Б.-ро бо тавсифи процессҳои инкишоф алоқаманд менамояд. Ин идеяҳоро марксизм материалистона аз нав таҳлил ва такмил карда робитаи мутақобилаи диалектикии Б. ва *боинтиҳой*, зиддиятнокии табиати Б.-ро қайд намудааст. Чунон ки Ф. Энгельс навишта буд: «... шакли куллият, шакли камоли дохилӣ ва бинобар ин шакли беинтиҳоист; вай дар беинтиҳоӣ муттаҳид кардани чизҳои бисьёри боинтиҳост» (Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., 2 изд. т. 20, с. 548—49). Вобаста ба масъалаҳои космологӣ Б.-и миқдорӣ одатан ҳамчун Б.-и олами материалӣ дар *фазо ва вақт* дониста мешавад. Дар масъалаи шарҳи Б., нуқтаи назари динӣ ва идеалистӣ, ки Б.-ро чун Б.-и худо ё чун маҳсули шуур медонад ва нуқтаи назари материалистӣ, ки Б.-ро яке аз хусусиятҳои материя, фазо ва вақт дониста, дар тадқиқи он ба комьёбиҳои математика ва космология такья мекунад, ба ҳам муқобиланд. Дар таъриҳи афкори фалсафии форс-тоҷик масъалаи Б. низ мавриди муҳокима қарор ёфта буд. Агар даҳриён бо эътирофи вақти абадӣ — даҳр Б.-ро қоил бошанд, пас Абӯбакри Розӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ барин файласуфон ба туфайли эътирофи азалияту абадияти олам, вақт, ҳаракат, касрати мавҷудот ғояи Б.-ро пазируфта, инкишоф додаанд.

Ад.: Султонов У., Ақидаҳои фалсафӣ, ичтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино, Д., 1975; Диноршоев М., Философия Насириддина Туси, Д., 1968; Сагадеев А. В., Ибн-Рушд, М., 1973; Комаров В. Н., По следам бесконечности, М., 1974; Наан Г. Н., Понятие бесконечности в математике, физике и астрономии, М., 1965.

БЕЙБӮТОВ Рашид Маҷид ӯғли (тав. 14. 12. 1915, Тбилиси), сароянда и советии озар (тенори лирикӣ). Арт. Халқии СССР (1959). Фаъолияти саҳнавиашро ҳамчун ичрокунандаи сурудҳои халқии озарӣ оғоз кардааст (Тбилиси, 1933). С-ҳои 1933—44 солисти филармонияи Ереван ва 1944—56—Боку. С-ҳои 1957—59 роҳбари бадеии ансамбли давлатии концертии Озарбойҷон. Барпокунанда ва роҳбари Театри давлатии суруди Озарбойҷон (аз 1966). Б. ҳамчун сароянда и сурудҳои озарӣ, русӣ, эронӣ, туркӣ, арабӣ, ҳиндӣ, эстрадӣ ва ғ. хеле машҳур аст. Дар спектакльҳои Театри опера ва балети ба номи Охундов низ баромад мекунад. Ичрокунандаи рольҳои асосии операи «Севиль»-и Ф. Амиров ва комедияи мусиқии «Аршин мол-олон»-и У. Ҳоҷибеков. Барои ичрои роли асосӣ дар фильми «Аршин мол-олон» лауреати Мукофоти давлатии СССР (1946) гар-

дид. Инчунин дар бораи Б. бо иштироки худи ӯ фильми «1001 гастроль» (1976) ба навор гирифта шудааст. Ба бисьёр мамлакатҳои дуньё ба гастроль рафтааст. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7—8). Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

БЕЙРӮТ بيروت пойтахти Республикаи Лубнон. Дар нимҷаз. сертали соҳили шарқии б. Миёназамин воқеъ аст. Аҳол. бо атрофаш 1290 ҳаз. наф. (1972). Узели р. о. ва шоссе. Аэропорташ аҳамияти байналхалқӣ дорад. Савдои транзитии мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна ва Европа аз Б. мегузарад. Маркази саноат, савдою молиявии мамлакат. Соҳаҳои саноаташ: бофандагӣ, трикотаж, чарм, хӯрокворӣ, коркарди металл, тамоку ва г. Аз Б. ба хорича меваҳои цитруси, себ, равғани зайтун, абрешим, пашм мебароранд. Дар Б. осори иншооти давраҳои финикӣ, римӣ ва византӣ нигоҳ дошта шудаанд: масҷиди Ҷомеъ-ул-Умарӣ (1291), «Масҷиди дарбор» (авв. а. 16). Б. асосан шаҳри ҳозиразамон буда, биноҳои серошьёна, меҳмонхона, банк, работҳо ва г. дорад. Дар маркази Б. 3 майдони калон (Ал-Бурҷ, Ан-Наҷм ва Ас-Сур) воқеанд, ки аз онҳо якчанд роҳҳо сар шуда, Б.-ро бо шаҳрҳои диг. пайваст мекунанд. Дар Б. Ун-ти давлатии Лубнон ва ун-тҳои Америка, Франция ва араб воқеанд. Китобхонаи миллӣ, Музеи калони археологӣ, Музеи миллии Лубнон дорад.

Б. аз а. 18 то м. бо номи Берута, Берит ҳамчун шаҳр ва бандар маълум аст. Ҳанӯз дар давраи эллинӣ-римӣ (а. 3 то м.— а. 4 м.) маркази калони савдою ҳунарманди буд. С. 635 м. ба ҳайати Хилофати араб дохил шуд. Ибтидои а-ҳои 12—13 салибдорон ва а-ҳои 14—15 мамлукҳо ҳукмронӣ мекарданд. С. 1516 туркҳо ишғол карданд. Авг. 1860 — июни 1861 Б.-ро қӯшунҳои Франция гирифтанд. Аз 1 сент. 1920 пойтахти «Давлати Кабири Лубнон»-и зери мандати Франция ва аз с. 1926 пойтахти Республикаи Лубнон (то нояб. 1943 зери мандати Франция) гардид. Аз аввали а. 20 Б. яке аз марказҳои миллии озодихоҳи ва ҳаракати коргарии Лубнон мебошад.

БЕК, бег, бей, бий (туркӣ—ҳоким, соҳиб), унвони ашрофи қавм, баъдтар феодалҳои мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна. Истилоҳи Б. аз асрҳои миёна маъмул. Мавқеи Б. ба ҳокимияти марказӣ вобаста буд. Агар ҳокимияти марказӣ устувор бошад, Б. вазифаи ҳокими маҳаллиро адо карда, фармонфармои мустақили қавм ё ноҳияи худ ҳисоб мешуд. Б. баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар ҳама ҷо вазифаи намояндаи ҳокимияти марказиро ичро мекард. Пас аз Рев. Каб. Соц. Октябрь барҳам хӯрд.

О. Маҷлисов.

БЕКЕТОВ Николай Николаевич (13. 1. 1827, Новая Бекетовкаи губ. Пенза — 13. 12. 1911, Петербург), олим, химики рус, акад. АФ Петербург (1886), аъзокорр. АФ Россия (1883). С. 1849 Ун-ти Қазонро хатм намуда, с-ҳои 1853—55 дар Ун-ти Петербург кор кард, 1855—87 проф. Ун-ти Харьков буд. Тадқиқотҳои ӯ ба ҳалли масъалаҳои муҳими химияи умуми ва физикӣ бахшида шудаанд. Б. чун асосгузори химияи физикии муосир аввалин шуда, табиати қаробати химиявиро аз рӯи ҳисоби тағйироти энергетики дар системаи моддаҳои таъсиркунанда омӯхт. С. 1865 қатори фаъолии металлҳоро муқаррар намуда, аввалин шуда фишори аз 100 атм. баландро дар таҷрибагузаронӣ истифода бурд. Бо алюминий барқарорнамоии металлҳоро аз оксидашон кор карда баромад, ки ин асоси алюминотермияро ташкил дод. Б. аввалин шуда идеяи механизми занҷирии ҳодисаи катализро ҳаҷгоми реакцияи сӯзиш ва таркиш пешгӯи кард.

Асл.: Речи химика, 1862—1903, СПБ, 1908.

Бейрут. Манзараи шаҳр.

БЕКНАЗАРОВА Робия (1921, киш. Кӯктоши ҳозира р-ни Ленин — 1957, р-ни Колхозобод), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1948). С. ҳои 1936—42 колхозчи, 1942—50 сардори звенои к-зи ба номи Сталини р-ни Кӯктоши (ҳоло р-ни Ленин), 1951—56 колхозчии к-зи ба номи Ленини р-ни Колхозобод буд. Звенои Б. с-ҳои 1945—47 ҳосили баланди пахта рӯёнидааст. Бо ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БЕКОБОД, шаҳр дар вил. Тошкенти РСС Узб., аз Тошкент 189 км ба самти Ҷ. Ст. р. о. дар ҳати Ҳавос—Қӯқанд. Роҳҳои автомобильгард Б.-ро бо диг. шаҳрҳои Осиёи Миёна менамояндаанд. Аэропорт дорад. Аҳол. 63 ҳаз. наф. (1977). Б. яке аз марказҳои индустрияи Узбекистон. Аввалин з-ди металлургии республика (1944), ки бо оҳанпорахои аз Осиёи Миёна гун карданшуда ва чуяни Уралу Қазоқистон кор мекунад. ГЭС и Фарҳод, комб. цемент, з-дҳои маснуоти оҳану бетони, хишт, шиферу рег, инчунин сачоати сабуку хуроквори (з-дҳои нон, шир, комб. гушт ва г.), техникуми индустриали, омӯзишгоҳи тиббии мавҷуданд. Б. с. 1945 дар ҷои деҳаи хурд бунёд ёфтааст. Аз Ленинобод то Б. (49 км) автобус мегардад.

БЕКОБОД, деҳа дар С. к. Ҳамроҳбоеви р-ни Конибодом, вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Карл Маркс. То маркази С. к. 3 км, то маркази район 15 км ва ст. р. о. Конибодом 21 км, роҳ асфальт. Аҳол. 389 наф. (1976), асосан узбекҳо. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Сабзавоткорӣ ва чорвои кирмакдорӣ низ тараққӣ кардааст. Заминҳо аз Каналӣ Калони Фарғона ва пармачоҳҳо обёрӣ мешаванд.

БЕКОРӢ, ҳодисаи иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба ҷамъияти капиталистӣ хос аст. Ҳаҷгоми Б. қисми меҳнатгаронро кор наёфта ба аҳолии «бартиеф» ва армияи захиравии меҳнат табдил меёбад. Сабаби асосии Б. амали қонуни умумии индухти капиталистӣ аст, ки онро К. Маркс кашф кардааст. Ин ҳодиса хусусан дар давраҳои бухронҳои иқтисодӣ меафзояд. Капитал коргаронро аз корхонаҳо фишурда мебарорад. Дар шароити ҳозира омилҳои асосии афзоиши Б. иборанд: а) автоматонии истеҳсолоти капиталистӣ, б) шиддатнокии меҳнат; в) истифода бурдани меҳнати занону бачагон; г) ҳамаайрошавии истеҳсолкунандагони майда. Б. ба процесси истеҳсолоти капиталистӣ таъсири калон мерасонад. Армияи бекорӣ барои капиталист воситаи пурзур намудани шиддатнокии меҳнат мебошад, чунки коргарон аз тарсу ваҳми аз кор маҳрум шудан маҷбуранд, ки ба ҳаҷм афзудани шиддатнокии меҳнат, ба кам кардани музди меҳнат ва дароз намудани рӯзи кор розӣ шаванд. Дар давраи империализм ва бухрони умумии капитализм Б. ба ҳодисаи зиҳмӣ

ва оммавӣ табдил меёбад, қисми зиёди бекорон ҳатто дар давраҳои ҷоннокшавӣ ва болоравии истеҳсолот ба кор ҷалб карда намешаванд. Б.-ро К. Маркс ба се қисм тақсим кард: ҷорӣ, ниҳонӣ, доимӣ. Б.-и ҷорӣ ҳар сари вақт бекормонии коргарон. Б.-и ниҳонӣ асосан ба деҳқонони майда хос мебошад. Деҳқонон агарчӣ дар хоҷагиҳои худ ба кор банд бошанд ҳам, аммо дар даст нисбат ба қобилияти кории худ воситаҳои ками истеҳсолӣ доранд. Меҳнаткашоне, ки ягон кори муҳим наёфта, доимо бо корҳои тасодуфӣ машғуланд, армияи бекорони доимиро ташкил медиҳанд. Бо тараққии капитализм Б. афзуда, таркиби бекорон тағйир меёбад. Дар солҳои баъди ҷанги дуюми ҷаҳон шумораи бекорон афзуд. Дар армияи бекорон хусусан ҷавонон зиёд буда, ҳоло Б. доираи хизматчиёни касбӣ, ходимони савдо, муаллимон, духтурҳо, инженерон ва ғ.-ро низ фаро гирифтааст.

Чунончи с. 1975 армияи бекорон фақат дар ШМА 7,5 млн наф. буд. Ба истифода бурдани қувваи корӣ мавҷуда қодир набудани капитализм шоҳиди он аст, ки вай дар роҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда монеа шудааст ва бояд бо сохти ҷамъияти пешқадам — социализм иваз шавад.

БЕКТО́Ш (тахал. аз с. 1921; фам. аслиаш Ҳ а й д а р ӣ) Нарзулло (1900, деҳаи Боғи Майдони Самарқанд — 1938, Душанбе), адабиётшиноси тоҷик. Аз оилаи косиб. Б. баъд аз Рев. Октябрь омӯзишгоҳи таълиму тарбияи Самарқанд ва Ин-ти педагогии Бокуро хатм намуда (1922), дар Тошкенту Самарқанд ба корҳои адабӣ ва педагогӣ машғул мешавад. С. 1930 ба Сталинобод омада дар Ин-ти педагогӣ аз таъриху назарияи адабиёти тоҷик ва назмшиносӣ дарс медиҳад. Баъдтар ба сектори таъриҳи адабиёти Базаи тоҷикистонии АФ СССР сардорӣ менамояд. Б. дар асарҳои худ: «Дар атрофи мусиқии классикии тоҷик» (1932), «Хрестоматияи адабиёт» (1932), «С. Айнӣ ва эҷодиёти ӯ» (1933), «Вазни манзумаи тоҷик» (1933) ва ғ. ба процесси адабӣ ва эҷодиёти нависандагони муосир аз мавқеи социологизми вульгарӣ ва формализм баҳо медод. Мақолаҳои Б., ки аз с-ҳои 20 сар карда дар саҳифаҳои газетаву журналҳои республикавӣ чоп шудаанд, аз таъсири ғояҳои пролеткульт озод нестанд. Б. «Ҳоҷимурод» ва «Поликушка»-и Л. Толстой, «Торумор»-и А. Фадеев ва чанде диг. асарҳои нависандагони рус ва китобҳои дарсиро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

БЕКТОШИЯ بیکتاشیه яке аз силсилаҳои тасаввуф, ки дар Осиёи Хурд Ҳоҷӣ Бектоши Валӣ (а. 12) асос гузоштааст. Шарҳи ҳоли Ҳоҷӣ Бектоши Валӣ пурра равшан нест. Б. омехтаи унсурҳои мухталифи мусулмонӣ (бештар шиа) ва масеҳӣ аст. Парастиши Алӣ, эҳтироми 12 имоми шиа ва шаҳидон, эътиқод ба Оллоҳ, Муҳаммад, ҳӯрдани нону шароби шаръӣ, муноҷот ба муршид, аҳду паймони муҷаррадӣ барин расму одатҳо хоси ин силсилаанд. Бектошиён дар дайри дарвешӣ истиқомат мекарданд ва соҳиби мулкҳои зиёде буданд. Пири бектошиён (дада) дар дайри асосӣ, ки дар назди мақбараи тахминии Ҳоҷӣ Бектоши Валӣ (байни Киршаҳир ва Қайсарӣ) мавҷуд аст, зиндагӣ мекард. Ҳар як дайри дарвеширо муршиди алоҳида (бобо) идора менамуд. Муридон таҳти назорати муршидон буданд. То а. 19 Б. дар Туркия таъсири калони сиёсӣ дошт, зеро пайравони вай бо яничарҳо қаробат дошта, пуштибони онҳо ҳисоб мешуданд. С. 1826 баъди барҳам додани корпуси яничарҳо силсилаи Б. расман манъ шуда бошад ҳам, вале дар амал то барҳам додани силсилаҳои дарвешӣ (1925) вуҷуд дошт. Баъди ин маркази Б. дар Албания ҷой гирифт. Бо вуҷуди ин дар Туркия Б. тамӯман барҳам нахӯрд, баръакс, баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фаъолияти вай ҷон гирифт. Дар СССР Б. вуҷуд надорад.

БЕКТОШӢ (Grossularia), авлоди растаниҳои бисьёрсола аз оилаи бектошиҳо. Буттаи шоху пояҳояш хордор. Тақрибан 50 намудаш дар СССР, Европаи Ғарбӣ, Америка паҳн шудааст. Б. пояҳои баландиашон 60—200 см, барги бо навбат ҷойгиршудаи мӯякнок ё бемӯяк, гули дуҷинса, меваи ангуршакли мудаввар ё дарози зард, сабз, сафед, сиёҳ ё сурх дорад. Б. бо тухм, қаламча ва бехҷаст нумӯ мекунад.

Дар РСС Тоҷ. аз с. 1951 (дар Станцияи ботаникии кӯҳии Варзоби Ин-ти ботаникаи АФ) G. reclinata (расм), ки саромади бештари навъҳои Б. ба ҳисоб меравад, парвариш карда мешавад. Парвариши «Изумруд», «Красная заря», «Мысовский—37», «Пятилетка», «Сливовый», «Смена» ва «Яхонт» барин навъҳои Б. мувофиқи тавсияи Станцияи ботаникии кӯҳии Варзоб натиҷаҳои мусбат доданд.

Меваи Б. 8—11% қанд, 1,2—1,7% кислотаҳои органикӣ, 0,88% моддаҳои пектинӣ, витамини B_1, С, Р, каротин, намакҳои оҳан ва фосфор дорад. Аз меваи Б. мураббо ва компот тайёр мекунанд.

Ад.: П а в л о в а М. А., Крыжовник, М., 1956; Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975.

А. Ғаниев.

БЕЛ, олати қадимаи меҳнат. Аз чӯб, оҳан месозанд. Б.-и к а л о н (барои бор кардани масолеҳи пошхӯранда), Б.-и б о д (барои бод кардани ғаллаи кӯфта), Б.-и п о х с а (барои бардоштани похсадевор) ва ғ. мешавад.

БЕЛАВЛӢ, қаторкӯҳ дар қисми шим. Помири Шарқӣ (ВАБК). Бахшгоҳи д.-ҳои Савуқсой ва Каиндӣ. Аз Шим. Ғ. ба Ҷ. Ш. ба масофаи 55 км тӯл кашидааст. Баландиаш ба ҳисоби миёна 5000—5500 м, нуқтаи аз ҳама баландаш 5820 м (қуллаи Тез). Пирьяҳҳо бисьёранд, бештари онҳо дар нишебаҳои шим. шарқии Б. воқеанд. Ландшафташ баландкӯҳи биёбонӣ, хорбуттаҳо меруянд. *О. Е. Агаханянц.*

БЕЛАВЛӢ, пирьях дар Помири Шарқӣ (ВАБК). Дар саргаҳи д. Белавлӣ (шохоби чапи *Савуқсой*), дар ҷои васлшавии қ-кӯҳҳои Белавлӣ ва Савуқсой воқеъ гаштааст. Тӯлаш 4,7 км, масоҳ. 8,2 км². Ҳаҷми ях 0,633 км³. Баландии нуқтаи болоии пирьях 5800 м, поёниаш 4440 м. Баландии хати барф 4970 м.

БЕЛАЙДӮЗ, деҳа дар С. қ. Деҳқонободи р-ни Ҳисор, РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Съезди 22 партия». Аз Б. то маркази С. қ. 4 км, то район 0,5 км. Аҳол. 945 наф. (1976), асосан тоҷикон. Мактаби миёна, китобхона, чойхона ва магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обьёрӣ мешаванд.

БЕЛА́К, б е л а, б а й л а к, тиру пайкони белшакл. Б. то пайдоиши яроқи оташфишон маъмултарин олати шикор буда, аз чӯби сахт сохта мешуд.

БЕ́ЛАЯ, дарьё, шохоби чапи д. Кама, асосан дар РАСС Бошқ. Тӯлаш 1430 км, масоҳ. ҳавзааш 142 ҳаз. км². Аз к. Иремель (Урали Ҷанубӣ) сар шуда, аввал дар кӯҳсор, баъд аз ҳамроҳ шудани д. Уфа дар ҳамвории ҷорӣ мешавад. Соҳили росташ назар ба чапаш баланд аст. Манбааш асосан барф. Аз нояб. то апр. ях мебандад. Шохобҳои калони Б. аз рост — Нугуш, Сим, Уфа, Бир, Таныҷ; аз чап— Ашкадар, Уршак, Дёма, Кармасан, Чермасан, База, Сюнь. Аз Уфа кишти-гард. Б. роҳи обии Москва — Уфа аст. Дар соҳилҳои Б. ш-ҳои Белорецк, Салават, Ишимбой, Стерлитамақ, Уфа, Бирск ҷойгиранд.

БЕ́ЛАЯ ЦЕ́РКОВЬ, шаҳр дар вил. Киеви РССУ, дар соҳили д. Рось (ҳавзаи д. Днепр). Ст. р. о. Аҳол. 141 ҳаз. наф. (1977). Корхонаҳои калони саноатиаш: «Стройиндустрия» (қисмҳои васлшавандаи оҳану бетонӣ, маснуоти пахтаи минералӣ ва ғ. мебарорад) ва 2 комб. хонасозӣ, з-дҳои «Сельмаш», «Электроконденсатор», ф-каҳои пойафзол, трикотаж, мебель, комб. гӯшт ва ғ. Ин-ти х. қ., техникуми саноати гӯшту шир, омӯзишгоҳи тиббӣ, музеи кишваршиносӣ, театри драма дорад. Дар Б. Ц. кӯ-

руқи боғи ботаникии АФ РССУ ҳаст. Дар шифохонаҳои бальнеологии Б. Ц. касалиҳои узвҳои гардиши хун, такьягоху ҳаракат, системаи асаб ва гинекологи табобат карда мешавад. Шаҳр аз с. 1155 маълум аст.

БЕЛБИНИ (Scaphirhynchus), ҷинси моҳии дарьёи аз оилаи *тосмоҳӣ*. Намудҳои ин ҷинс бар хилофи диг. моҳиҳо фуки белшакл ва думи дарози бо пулакчаҳои устухонӣ пӯшидашуда доранд. Дарозиашон то 1 м, вазнашон аз 2 то 9 кг. 2 намуди Б. (S. platorhynchus, S. albus) дар Америкаи Шимолӣ (дар ҳавзаи Миссисипӣ) вуҷуд дорад. Дар СССР Pseudoscaphirhynchus ном Б., ки 3 намудро (P. kaufmanii, P. hermanni, P. fedtschenkoi) дарбар мегирад, дар ҳавзаи д-ҳои б. Арал дучор меояд. Дарозии бадани ин Б. 36—75 см буда, вазнаш 2,5 кг

аст. P. hermanni (дар болo) дар ҳавзаи д. Аму, P. fedtschenkoi дар ҳавзаи д. Сир ва P. kaufmanni (дар поён) дар ҳавзаи д. Амую поёнаби д. Вахш паҳн шудааст. Б. дар 3—4 сол 25—32 см мешавад ва тухм мегузорад. Ғизояш асосан моҳӣ ва ҳашароти обӣ. Аз сабаби кам будани Б. онро шикор намекунанд.

Ад: Никольский Г. В., Рыбы Таджикистана, М.-Л., 1938; Максунов В. А., Промысловые рыбы Таджикистана, Д., 1968. *А. И. Жаров.*

БЕЛГОРОД, шаҳр, маркази вил. Белгороди РСФСР, дар соҳили рости д. Северский Донец. Узели р. о. Аҳол. 227 ҳаз. (1977). Б. маркази асосии иқтисодӣ ва мадании вилоят. Соҳаҳои асосии саноаташ: истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ (з-ди цемент, комб-ҳои асбесту цемент, оҳаку бӯр, ф-каи абрақ), мошинсозӣ (з-дҳои деги энергетикӣ, трубопровод, корхонаҳои таъмири воситаҳои нақлиёт), хӯроквори (комб-ҳои консерви меваю сабзавот, орду ярма, гӯшт, витамин, з-ди чавҳари лиму). ТЭЦ-и калон ҳаст. Аз шаҳр газопроводи Шебелинка—Москва мегузарад. Ин-тҳои педагогӣ, технологияи масолеҳи бинокорӣ, филиалҳои ғоибонаи Ин-тҳои умумиттифоқии политехникӣ, молияю иқтисодӣ ва х. қ.-и Харьков, 6 мактаби миёнаи махсус ва ғ. дорад. Б. маркази корҳои тадқиқоти ва лоиҳакашӣ онд ба азҳуд намудани Аномалияи магнитии Курск мебошад. Дар Б. музеи китвaршиносӣ, театрҳои драма, лӯхтак, маркази телевизион мавҷуданд.

Бори нахуст Б. дар сарчашмаҳои таърихии с. 1237 вомехурад, аз с. 1596 шаҳр. 26 окт. (8 нояб.) 1917 дар Б. Ҳокимияти Советӣ барқарор шуд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар наздикии Б. муҳорибаҳои шадид шуда гузаштанд (муҳорибаи Курск, июль—авг. 1943).

БЕЛГОРОД, вилоят дар РСФСР, 6. 1. 1954 таъсиф шудааст. Дар нишебаи ҷан. ғарбии Баландии Миёнаи Рус воқеъ аст. Масоҳ. 27,1 ҳаз. км². Аҳол. 1273 ҳаз. нафр. (1977), асосан русҳо, украиниҳо. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² — 47 нафр. Вил. Б. 18 райони маъмурӣ, 9 шаҳр, 18 пгт дорад. Ш-ҳои калонаш: Белгород, Старый Оскол, Валуйки, Губкин. Марказаш — ш. Белгород.

Сатҳи вил. ҳамвори теппадор (баландиаш то 276 м), бо сою ҷариҳо бурида шудааст. Дар ҳудуди вил. Б. қисми асосии захираи маъдани оҳани аномалияи магнитии Курск ҷойгир аст; инчунин конҳои боксит, фосфорит, ангишт-санг, бӯр, гил ва реги мавҷуданд. Иқлимаш континентӣ мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв. дар Ғ.— 7,9° С, дар Ш.— 9,2° С; июль мувофиқан 19,6°, 21° С. Боришоти солона 420—590 мм. Д-ҳои калонаш: Северский Донец, Оскол, Тихая Сосна (ҳавзаи Дон), Ворскла (ҳавзаи Днепр). Заминаш асосан сиёҳхок. Қисми ҷиёди вилоят дар зонаи беша-дашт, камаш дар дашт воқеъ аст. Бешазори булут 9% майдонро ишғол мекунад. Аз ҳайвонот ғавазни ҷангалӣ, хонгул, гуроз, рӯбоҳ, қашқалдоқ, савсор вомехӯрад. Як қисми терр. вилоят — дашти Ям (р-ни Губкин) ба кӯруқи Минтақаи Сиёҳхоки Марказӣ ба номи В. В. Алёхин дохил аст. Дар р-ни Борисов ҳочагии таълимию таҷрибавии Ин-ти давлатии Ленинград ҷойгир аст.

Соҳаҳои асосии саноати вилоят: истеҳсоли маъдан, мошинсозӣ ва коркарди металл, химия, дорусозӣ, масолеҳи бинокорӣ, сабук ва хуроквори. Корхонаҳои калонтарин: комб. «КМА руда»-и ба номи 50-солагии СССР, з-дҳои дегрезӣ, таъмири автомобиль таҷҳизоти электрики барои автомобилу тракторҳо, қисмҳои эҳтиётии трактору автомобилҳо, мошину механизмҳо барои саноати хӯроквори, комб. химияи Шебекино (моддаҳои шустушуи мебарорад), комб. витамин дар Белгород, истеҳсоли масолеҳи бинокори, цемент (Белгород, Старый Оскол), маснуоти асбесту цемент, оҳак (Белгород), қисмҳои васл-шавандаи оҳану бетони ва ғ. Аз соҳаҳои саноати хӯроквори истеҳсоли қанд (11 з-д) бартари дорад. С. 1975 дар ноҳияи Старый Оскол сохтмони комб. металлургияи электрикии дар Европа калонтарин сар шуд. Заминҳои х. қ.— 2,2 млн га. Зироати асосии х. қ.— ҷаҷдуми тирамоҳӣ, ҷав, ҷавдор, марҷумак, арзан, ҷуворимакка; аз зироати техники — лаблабуи қанд, офтобпараст мекоранд. Чорводори барои гушту шир, хук ва парандапарварӣ тараққӣ меёбад. Тули хати р. о.— 715 км, роҳҳои муҳимаш Москва — Харьков, Пенза — Харьков, Москва — Донбасс, Харьков — Брянск. Аз вилоят Б. автомагистрали Москва—Симферополь мегузарад.

Соли ҳонишӣ 1973/74 вилоят 199 мактаби таълими умумӣ, 27 омӯзишгоҳи касбию техники, 21 мактаби миёнаи махсус дошт. Ин-тҳои педагоги, технологияи масолеҳи бинокори, филиалҳои ғоибонаи Ин-тҳои умумиттифоқии политехники, молияю иқтисоди ва х. қ.-и Харьков (Белгород), Ин-ти тадқиқоти илмӣ ва лоиҳакашии технологияи чорводории Минтақаи Сиёҳхоки Маркази. 726 китобхонаи оммавӣ, театрҳои драма ва лӯхтак, филармония, 5 музей мавҷуданд. Газетаҳои вилоят: «Белгородская правда», «Ленинская смена».

Ад.: Белгородская область. Природа, история, промышленность, сельское хозяйство, культура, Воронеж, 1974.

БЕЛГРАД, Београд (Beograd), шаҳр, пойтахти Республикаи Социалистии Федеративи Югославия (РСФЮ) ва Республикаи Социалистии Сербия. Дар соҳили рости д. Дунай (назди резишгоҳи д. Сава) воқеъ аст. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба ҳайати

Белград. Кӯҳи Авала. Ёдгорӣ ба аскари номаълум.

Республикаи Сербия дохил мешавад. Б. маркази асосии иқтисодӣ ва маданиии мамлакат. Узели р. о. ва нақлиёти автомобилӣ. Роҳҳо аз Европаи Ғарбӣ ба Шарқи Наздик ва Миёна аз ҳамин ҷо мегузаранд. Аэропорташ (Сурчин) аҳамияти байналхалқӣ дорад. Аҳол. бо атрофаш зиёда аз 1,3 млн нафр. (1975). Масоҳ. 182,45 км². Иқлимаш мӯътадили континентӣ. Ҳарор. миёнаи янв.— 0,2° С, июль 22,2° С. Боришоти солона 634 мм. Б. пас аз пойтахти Югославия шудан бо суръат обод гашт. Ҳоло дар Б. ва атрофи он бештар аз 170 корхонаи саноатӣ мавҷуд аст, муҳимтаринаш: корхонаҳои мошинсозӣ (автомобиль ва самолётсозӣ, мошинҳои х. к., электротехникӣ), саноати химия, бофандагӣ (асосан пашмина), чарму пойафзол, хӯрокворӣ (орд, консерви гушт, қанд ва ғ.), полиграфӣ, чӯбгарӣ. Дар Б. АФ Сербия ҷой гирифтааст. Ин-т, ёдгориҳои таърихӣ, музейҳои халқӣ, санъати тасвирӣ, санъати амалӣ, этнографӣ, нумунаи нигористон, боғи ҳайвонот дорад. 20 км ҷанубтар аз Б., дар кӯҳи Авала ба аскари номаълум ёдгорие гузошта шудааст. Дар соҳили чапи д. Сава маҳалҳои нав (Б.-и Нав) бунёд мегардад.

Терр. Б. дар замони қадим маҳалли аҳолинишини кельтҳо — Сингидунум буд. Онро дар а. 1 то м. римиҳо забт намуданд. Аз а. 6 тобеи Византия шуд. Шаҳр а. 9 номи сербии Б.-ро гирифт. А-ҳои 9—15 паи ҳам ба тасарруфи Булғория, Византия, боз Булғория, венгерҳо ва сербҳо, с. 1521 ба дасти туркҳо гузашт. Пас аз шӯриши сербҳо (1806 ва 1815) шаҳр аз асорати туркҳо озод карда шуда, пойтахти князии (аз 1882 — шоҳии) Сербия гардид. Б.-ро се маротиба (1688—90, 1717—39, 1789—91) австриягиҳо ишғол карданд. Аз 1 дек. 1918 пойтахти шоҳии сербҳо, хорватҳо ва словакҳо (аз 1929 — Югославия). 13 апр. 1941 Б.-ро Германияи фашистӣ забт кард. 20 окт. 1944 онро Армияи Советӣ ва Қувваҳои Озодихоҳии Югославия озод карданд. Аз нояб. 1945 пойтахти РХФЮ (аз 1963 — РСФЮ).

Бинохои нави истиқоматӣ дар Белград.

БЕЛЕМНИТҲО (Belemnitida, юн. belemnon — тир), гурӯҳи мурдарафтаи нармбаданҳои шикампои бемӯҳра, ки дар давраи ангиштсанг то палеоген мезистанд. Дар процесси эволюция косаи вазнини нарм оҳиста-оҳиста ба коса-сутунмӯҳра табдил ёфтааст. Коса-сутунмӯҳраи Б. аз се қисм (фрагмокон, проостракум ва ростр) иборат буд. Зоҳиран Б. найзашакланд (номи Б. ҳам аз ҳамин ҷост). Б. баҳрӣ буданд ва даррандавор ҳаёт мегузаронданд. Бештари Б. нагз шино мекарданд. Аз ҳайвоноти имрӯза *кальмарҳо* шаклан ба Б. хеле монанданд.



Схемаи сохти дохилии косаи белемнитҳо: 1 — проостракум; 2 — фрагмокон; 3 — ростр.

БЕЛЕНИЦКИЙ Александр Маркович (тав. 24. 3. 1904, деҳаи Любино уезди Великолуки, губ. Псков), шарқшинос, муаррих ва археологи советӣ, Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1975), доктори илми таърих (1967), ходими калони илмии шӯъбаи Ин-ти археологияи АФ СССР дар Ленинград (аз с. 1936). Фаъолияти педагогиаш дар Душанбе ва Ленинобод аввали с-ҳои 30 сар шуда, аз с. 1938 дар тадқиқоти археологӣ фаъолона иштирок менамояд. Аз с. 1946 дар ҳайати Экспедицияи археологии Тоҷикистон буда, 1954 сардори отряди археологии Панҷакент таъин гардид. Таҳти роҳбарии Б. дар димнаи Панҷакенти қадима ҳафриёт бурда мешавад. Б. муаллифи беш аз сад рисолаи илмӣ доир ба таърихи ичтимоию иқтисодӣ, археология, таърихи маданияти Осиёи Миёна, Эрону Афғонистон мебошад. Якчанд фаслҳои асари сеҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» ва тадқиқоти «Шаҳри асримиёнагии Осиёи Миёна» ба қалами Б. мутааллиқанд. Б. асарҳои Беруниро тарҷума ва тафсир кард. Дар Конгрессҳои байналхалқии XXIII (Кембриҷ, 1954), XXIV (Мюнхен, 1957) ва XXV (Москва, 1960) шарқшиносон, Конгресси байналхалқӣ доир ба санъат ва археологияи Эрон (Теҳрон, 1968) намояндаи илми советӣ буд. Б. дар тарбияи кадрҳои илмӣ, хусусан барои Тоҷикистон хизмати зиёде кардааст.

Ас.: Средневековый город Средней Азии (ҳаммуаллиф бо Бентович И. Б. ва Большаков О. Г.), Л., 1973; Монументальное искусство Пенджикента, М., 1973. *Н. Н. Неъматов.*

БЕЛИЗ (Belize), мулки Британияи Кабир дар Америкаи Марказӣ. Қисми шарқии нимҷаз. Юкатанро ишғол кардааст. Дар Шим. ва Шим. Ғ. бо Мексика, дар Ғ. ва Ҷ. бо Гватемала ҳамсарҳад буда, аз Ш. онро б. Кариб иҳота намудааст. Масоҳ. 23 ҳаз. км². Аҳол. 140 ҳаз. нафр. (1975). Маркази маъмурӣ — Бельмопан. Б. то 1 июни 1973 Гондураси британӣ номида мешуд. Губернатор, ки онро маликаи Британияи Кабир таъин менамояд, ба сиёсати берунӣ, молия, мудофиа ва нигаҳдории тартиботи дохилӣ назорат мекунад. Кабинети вазирон бо сардории сарвазир ҳокимиятро идора мекунад. Органи қонунбарор — Маҷлиси миллӣ. Вай аз палатаи депутатҳою сенат иборат аст.

Табиат. Қисми зиёди Б. ҳамвории паст буда, дар Ҷ. Ғ. массиви кристаллии Майя (баландиаш 1122 м) воқеъ аст. Иқлимаш тропикӣ, пассатӣ. Ҳарор. миёнаи моҳона аз 24 то 27° С. Боришоти солона қариб 2000 мм. Д.-ҳои калонтарин — Рио-Ондо ва Белиз. Зиёда аз 75% хоки Б. бешазор аст. Дар Шим. — саванна ва бешаи тропикии хазонрез. Дар Ҷ.— бешаи ҳамешасабзи тропикӣ.

Аҳолӣ. Асосан зангиҳо ва мулатҳо (52%), дурагаҳо (22%), ҳиндуҳои майя (13%, дар Шим. ва Ғ.) зиндагӣ мекунанд. Забони расмӣ—англисӣ. Аз нисф зиёди диндорон католик, боқимонда — протестант. Шаҳри калон — Белиз (39,2 ҳаз. нафр. аҳолӣ, 1970).

Маълумоти таърихӣ. Дар терр. Б. то ибтидои а. 16 қабилаҳои ҳинду зиндагӣ мекарданд. Дар а. 16, баъди аз тарафи Испания забт шудани Америкаи Марказӣ, қисми шим. Белиз ба ҳайати «Испанияи Нав» (Мексика) ва қисми ҷан. ба генерал-капитании Гватемала ҳамроҳ шуд. Аз с. 1840 англисҳо Б.-ро Гондураси британӣ номиданд. С. 1862 Б. расман мустамликаи Англия эълон шуд. Мустамликадорони англис Б.-ро ба манбаи ашёи хоми метрополия табдил доданд. Дар ибтидои а. 20 ба Б. монополияҳои ШМА сар даровардаанд. Британияи Кабир дар зери таъсири муборизаи халқ бар зидди мустамликадорон маҷбур шуд, ки с. 1961 ба Б. ҳуқуқи худидоракунии дохилӣ диҳад. Совети Миллии тараққиёти иқтисодӣ с. 1963 барпо гардид.

Хоҷагӣ. Б. мамлакати аграрӣ буда, иқтисодиёташ тобеи капитали Анг-

лия ва Америка аст. Сохаҳои асосӣ — деҳқонӣ ва ҷамъоварии маҳсулоти беша. Найшакар, меваҳои цитруси, чуворимакка, шолӣ, лӯбиё парвариш мешавад. Дар қисми ҷанубии мамлакат чорводорӣ тараққӣ кардааст. Аз навъҳои дарахтони қиматбаҳои тропикӣ чӯб тайёр мекунанд ва ширеши чикле ҷамъ меоваранд. Моҳидорӣ ривоҷ ёфтааст. Саноати Б. суст тараққӣ карда бошад ҳам, корхонаҳои чӯбу тахта, хӯрокворӣ, консерви меваҳои цитрусӣ, истехсоли қанд, моддаҳои даббоғӣ нисбатан ривоҷ ёфтаанд. Маркази асосии саноат ва бандари баҳрӣ — Белиэ. Р. о. нест; тӯли роҳҳои автомобильгард 2,3 ҳаз. км (1974). Б. ба хорича қанди нимтайёр, ширеи қанд, меваи цитрусӣ, консерву шарбати мева, чӯби қиматбаҳо, моҳӣ ва г. бароварда, аз он ҷо хӯрокворӣ, таҷҳизоту воситаҳои нақлиёт, ашьёи хоми саноат, маснуоти химия ва сӯзишворӣ мегирад. Асосан бо ШМА, Британияи Кабир, Канада ва Ямайка савдо мекунад. Тақрибан 20 фоизи аҳолии Б. бекоранд. Воҳиди пул — доллари Б. (4 доллари Б. = 1 фунт стерлинг; 1976).

Маориф. Аксарияти аҳолии калонсол бесавод аст. Таълим ба забони англисӣ буда, кӯдакон дар синни 5—6-солагӣ ба мактаби 2-сола (мактаби ҳурдтаракон) дода мешаванд ва сонӣ ба мактаби 6-сола мегузаранд. Мактаби миёна ду зина (таълими 4 ва 2-сола) дорад. Б. мактаби олӣ надорад. Чавонон дар 2 коллеҷи техникӣ касбу ҳунар меомӯзанд. Дар Белиз китобхонаи Марказӣ ҳаст.

БЕЛИНСКИЙ, Виссарион Григорьевич (11. 6. 1811, Свеаборг — 7. 6. 1848, Петербург), мунаққиди адабӣ ва публицисти рус. Аз оилаи табиб. С-ҳои 1829—32 дар Ун-ти Москва меҳонд, баъзе драмаи эҷдиқрепостноии «Дмитрий Калинин» аз ун-т хориҷ карданд. Мақолаи «Орзуҳои адабӣ»-ро машҳур гардонид. Фаъолияти Б. дар журналҳои «Отечественные записки» (1839—46) ва «Современник» (1847—48) бештар вусъат ёфт. Б. роҳи инқишофи гоҳиро аз маорифпарвари то ба демократизми революционӣ ва аз идеализм то ба материализм тай кардааст. Ҷаҳонбинии Б. дар муборизаи эҷдиҳо идеологияи крепостной ва славянофилиро шакл гирифтааст. Дар ташаккули ҷаҳонбинии у ҷунбишҳои озодиҷӯёнаи халқи рус, гояҳои социалистии хаёлии франсавӣ ва фалсафаи немис, хусусан диалектикаи Гегель аҳамияти калон дошт. С-ҳои 40 Б. материалист ва социалисти мӯътақид ва собитқадам шуд. Акидаҳои социалистии Б. хусусияти хаёлӣ доранд, вале бар хилофи социалистони хаёлии Европаи Ғарбӣ Б. ақида дошт, ки бе табаддулоти маҷбурӣ ба социализм гузаштан мумкин нест. Дар «Мактуб ба Гоголь» (июли 1847), ки ба он В. И. Ленин баҳои баланд дода буд, аввалин революционии деҳқонии крепостной баён шуда, нафрати Б. нисбат ба сохти крепостной ва боварии ӯ ба озодии халқ ифода ёфтааст. Б. дар асоси гояҳои материалистӣ ва революционию демократӣ принципҳои эстетикаи реалистиро мукаррар кардааст. Дар таълифоти ӯ асарҳои А. С. Пушкин, М. Ю. Лермонтов ва Н. В. Гоголь устодона таҳлил шудаанд. Дар як силсила мақолаҳои доир ба А. С. Пушкин (11 мақола, 1843—46), роҳҳои инқишофи адабиёти рус мукаррар гардидааст. Дар мақолаҳои оид ба Н. В. Гоголь Б. мазмуни прогрессивию демократии эҷодиёти нависандаро нишон додааст. Вай ба мукобили адабиёти реакционӣ ба истилоҳ санъати соф муборизаи мебурд. Принципҳои ба истилоҳ мактаби натуралистиро, ки равиши таваккидии Н. В. Гоголро дар адабиёт инкишоф медод, ҳимоя карда, ба асарҳои Герцен, Кольцов, Гончаров, Некрасов баҳои баланд додааст. Як катор мақолаҳояш ба театр ва масъалаҳои педагогика бахшида шудаанд. Осори Б. ба тараққиёти минбаъдаи афкори ҷамъияти, адабиёти бадеӣ, эстетика ва танқиди адабии рус таъсири бузурге расонд.

Ас.: Назаре ба адабиёти рус. Сталинобод, 1947. Мактуб ба Гоголь. Сталинобод, 1949. Чанд мақола. Сталинобод, 1961.

БЕЛКИН Виктор Шаевич (тав. 17. 10. 1941, Душанбе), анатоми совети, доктори илмҳои тиб (1975). Баъди хатми Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (1964) аввал ординатор, баъд ассистенти кафедраи анатомияи нормалии ин-т ва аз с. 1973 мудири лабораторияи тадқиқоти тиббию биологии баландкӯҳи Шуҳ-бан мӯҳофизат ва самараноки истифода бурдани захирахои табиии АҒ РСС Тоҷ. Б. с. 1974 дисс. доктори химия намуд. У муаллифи зиёда аз 60 мақолаи илмӣ мебошад. Онҳо ба хусусиятҳои тағйироти морфологӣ ва функционалии организм, ки дар шароити баландкӯҳ дар процесси адаптация ба вуҷуд меоянд, бахшида шудаанд.

БЕЛЛИНСГАУЗЕН Фаддей Фаддеевич (20. 9. 1778, ҷаз. Эсель, ҳолиҳо ҷаз. Сареми РСС Эст. — 25. 1. 1852, Кронштадт), баҳрипаварди рус, адмирал. С-ҳои 1803—06 бо киштии «Надежда» таҳти роҳбарии И. Ф. Крузенштерн дар саёҳати аввалини ҷаҳонии рус иштирок кардааст. С-ҳои 1819—21 экспедиции гирди ҷаҳонро дар киштиҳои «Восток» ва «Мирный», ки ба Антарктида бо мақсади ба кутби ҷанубӣ ҳарчи бештар наздик шудан ва равоне шуда буд, роҳбарӣ намуд. С. 1819 дар қисми антарктикии уқ. Атлантик якҳанд ҷазира ва 16 (28) янв. 1820 Антарктидаро кашф кард. Киштиҳо баъд аз саёҳати 751 рӯза 24 июли (5 авг.) 1821 ба Кронштадт баргаштанд. Б. с-ҳои 1828—29 дар ҷанги «Россия»-Туркия иштирок кард. Аз с. 1839 губернатори қарбии Кронштадт буд. Як баҳр дар уқ. Ором, ҷимолаи дар Сахалини Ҷанубӣ ва як ҷазира дар ғалаҷаи Тсамоту ба номи Б. гузошта шудаанд. Дар Антарктида 2 станцияи тадқиқоти илмии СССР ба шарафи киштиҳои экспедиционии Беллинсгаузен — «Восток» ва «Мирный» номида шудаанд.

Ад.: Болотников И. Л. Фаддей Фаддеевич Беллинсгаузен и Михаил Петрович Лазарев. М., 1951. Русские мореплаватели. М., 1953.

БЕЛЛИНСГАУЗЕН, баҳри намории уқ. Ором дар наздиҳои соҳилҳои Антарктида. Дар байни нимҷазираҳои Антарктида ва Терстон ҳаҷм аст. Чуқурааш 410—4470 м. Харор об 0° ва ҳаҷм паст буда, тобистон ҳарораш то ба 33,5° мерасад. Соҳилҳояш нуқсор, бо пирях ва ях пӯшида шудаанд. Ҷазира

ҳои калонаш — Пётри I ва Замини Александри I. Тамоми сол дар қисми зиёди сатҳи баҳр яхҳо ва айсбергҳо шино мекунанд. Онро с. 1821 экспедицияи баҳрпавардони рус Ф. Ф. *Беллинсгаузен* ва М. П. *Лазарев* кашф кардааст.

БЕЛОВ Николай Васильевич (тав. 14. 12. 1891, ш. Янов, Польша), кристаллограф ва геохимики советӣ, акад. АФ СССР (1953), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). С. 1921 Ин-ти политехникии Петроградро хатм намуд. Проф. ун-тҳои Горький ва Москва (1946—56). Асосан оид ба кристаллохимия, минералогия и структурӣ, геохимия асарҳо навиштааст. Б. бо шогирдонаш бештар аз 60 структураи мураккаб, асосан силикатҳоро муайян намуда, 1651 гурӯҳи антисимметрияро ба тартиб даровардааст. Аз с. 1957 раиси Комитети миллии кристаллографҳои советӣ, аз с. 1966 президенти Иттифоқи байналхалқии кристаллографҳо, лауреати Мукофоти давлатии СССР (1952). Дорандаи медали тиллои ба номи М. В. Ломоносови АФ СССР (1966). Бо 2 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Структура ионных кристаллов и металлических фаз, М., 1947; Структурная кристаллография, М., 1951.

БЕЛОВО, шаҳр дар вил. Кемеровои РСФСР, дар сохили д. Бачат (ҳавзаи д. Обь). Ст. р. о. Аҳол. 112 ҳаз. наф. (1977). Маркази калони саноати Кузбасс. Соҳаҳои асосии саноат: истеҳсоли ангишт ва металлургияи ранга. З-дҳои радио, рух, рехтагарии механики, комб. қисмҳои васлшавандаи оҳану бетон, ф-каи маъдантозакунӣ дорад. Техникуми сохтмони энергетикӣ, техникуми шабонаи саноати мошинҳои электронӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, педагогӣ мавҷуданд. Б. аз с. 1726 маълум ва аз с. 1938 шаҳр аст.

БЕЛОЗЕРСКИЙ Андрей Николаевич (тав. 29. 8. 1905, Тошкент), олими советӣ дар соҳаи биохимияи растанӣ, акад. АФ СССР (1962), нойб-президенти АФ СССР (1971—72), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). Ун-ти давлатии Осиёи Миёна (Тошкент)-ро хатм кардааст (1927). Аз с. 1930 проф. Ун-ти давлатии Москва. Асосгузори кафедраи вирусологияи Ун-ти давлатии Москва (1965). Бештари асарҳояш ба химия ва биохимияи сафеда ва кислотаҳои нуклеин бахшида шудаанд. Дар растаниҳои дарачаи олӣ ва паст вучуд доштани кислотаҳои дезоксирибонуклеин (КДН) ва рибонуклеин (КРН)-ро исбот карда, дар инкишофи индивидуалии растанӣ тағьири кислотаи нуклеин ва нишонаи хоси КДН-и бактерияро тадқиқ намуда, сафедаҳоеро, ки хосияти ишқорӣ надоранд, аввалин маротиба дар нуклеопротеидҳои ядрӣ мушоҳида кардааст. Бо 3 ордени Ленин ва диг. орденҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Практическое руководство по биохимии растений, М., 1951 (ҳаммуаллиф бо Н. И. Проскуряков); Нуклеопротеиды и нуклеиновые кислоты растений и их биологическое значение, М., 1959.

БЕЛОПОЛЬСКИЙ Аристарх Аполлонович (13. 7. 1854, Москва — 16. 5. 1934, Пулково), астрономи советӣ, акад. АФ СССР (1903). Баъди хатми Ун-ти Москва (1877) дар ҳамон ҷо кор кард. Б. сурати кометаи с. 1884, сурати Моҳро ҳангоми хусуф, сурати тоҷи Офтобро ҳангоми кусуф гирифтааст. Бо мақсади тадқиқи ҳаракати Офтоб ва спектри ситораҳои тағьирёбанда Б. суръати шуоии қариб 200 ситораи дурахшони қадри ситорагиашон 2—4-ро муайян кардааст. Б. нишон дод, ки с-ҳои 1925—33 суръати гардиши Офтоб қадре кам шудааст. Принципи Доплер (ниг. *Эффекти Доплер*)-ро дар шароити лабораторӣ тасдиқ кард. Лауреати Мукофоти Лаланд (1918). Бо медали тиллои АФ Париж (1908) мукофотонида шудааст.

БЕЛОРЕЦК, шаҳр дар РАСС Бошқ., дар саргаҳи д. Белая (шохоби Кама). Ст. р. о. Аҳол. 72 ҳаз. наф. (1977). Дар Б. комб. металлургӣ, з-ди коркарди металл; фак-ти шабонаи Ин-ти металлургия ва кӯҳкории Магнитогорск, техникуми металлургӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ ва педагогӣ мавҷуданд. Шаҳр ба муносибати сохтмони з-ди металлургӣ (1762) буньёд гардидааст.

БЕЛОРУССИЯ (Беларуская Савецкая Сацыялістычная Рэспубліка), Республикаи Советии Социалистии Белоруссия (РССБ).

Маълумоти умумӣ. РССБ дар Ғ. қисми европоии СССР воқеъ буда, 1. 1. 1919 ташкил ёфтааст. Дар Ғ. бо Республикаи Халқии Польша, дар Шим. Ғ. бо РСС Литва, дар Шим. бо РСС Латвия, дар Шим. Ш. ва Ш. бо РСФСР ва дар Ҷ. бо РСС Украина ҳамсарҳад мебошад. Масоҳ. 207,6 ҳаз. км². Аҳол. 9414 ҳаз. наф. (1. 1. 1977). РССБ 6 вил.: Брест, Витебск, Гомель, Гродно, Минск, Могилёв, 117 район, 96 шаҳр, 109 птш дорад. Пойтахт — ш. Минск.

Сохти давлатӣ. РССБ давлати социалистии коргарону деҳқонон, республикаи соҳибихтиёри советӣ буда, ба Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ ихтиёран дохил шудааст (30. 12. 1922). Конституцияи ҷории РССБ 19. 2. 1937 дар Съезди 12 Фавқулоддаи Советҳои РССБ тасдиқ гардидааст. Органи Олии ҳокимияти давлатии РССБ — Совети Олии якпалатагии Республика, ки ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад ва Президиуми Совети Олии Республика мебошад, ки онро Совети Олӣ интихоб мекунад. Органи Олии иҷроия ва амрдиҳандаи ҳокимияти давлатии РССБ Совети Вазирон аст. Органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатии РССБ советҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, районӣ ва қишлоқии депутатҳои халқӣ мебошанд, ки ба мӯҳлати дуним сол интихоб мешавад.

Дар РССБ адолати судиро Суди Олии РССБ, судҳои вилоятӣ, судҳои халқӣ, ҳичунин судҳои махсус (трибунали ҳарбӣ ва ғ.) ба амал мебораранд. Назоратчии олии қонуният дар республика Прокурори РССБ мебошад. РССБ герб, байрақ ва гимни давлатӣ дорад. (Тасвирро ниг. дар мақолаҳои *байрақ* ва *герб*).

Табиат. Сатҳи замини Б. асосан ҳамвори сертеппа буда, баландиҳои пайдоишашон пирьяхӣ, пастхамиҳои ботлоқӣ ва кӯлҳои сершумор (зиёда аз 10 ҳаз.) дорад. Дар Шим. Ғ. Б. қ-теппаҳои моренӣ мавҷуданд. Аз Ҷ. Ғ. ба Шим. Ш. қ-теппаи Белорусь, ба Ҷ. Ш. минтақаи ҳамвориҳо тӯл кашида, қисми ҷанубии республика аз пастхамии васеи ботлоқшудаи Полесия иборат аст, ки 100—150 м баландӣ дорад.

Сарватҳои зеризаминӣ. Зери замини Б. ба миқдори зиёд захираи намакҳои калий ва намаки ош (10 млрд т, конҳои Старобин, Петриковск, Давыдовск, Мозырь), нефти хушсифат (конҳои Речица, Осташковичи, Вишан ва ғ.) дорад. Ғайр аз ин ангишти бӯр, варақсангҳои сӯзанда, масолеҳи бинокорӣ (доломит, гилҳои оташтобовар, регҳои шишабоб ва ғ.), обҳои минералӣ мавҷуд буда, захираи торф хеле зиёд аст (4,8 млрд т ба ҳисоби торфи хушк).

Иқлими Б. аз иқлими континенталӣ ба баҳрӣ мегузарад ва аз таъсири ҷараёни ҳавои Атлантика ва циклонҳои пай дар пай он нарм мешавад. Ҳарор. миёнаи янв. дар Ҷ. Ғ.— 4° С, дар Шим. Ш — 8° С; июль дар Шим. 18° С, дар Ҷ. 20° С. Ҳарор. баландтарин 37° С (Гомель, Брест); ҳарор. пасттарин — 41° С (Витебск). Иқлими р-нҳои шимолии Б. хунуки мӯътадил буда, боришот нобаробар ва зимистон сербарф аст; иқлими районҳои ҷан. ғарбӣ гарми мӯътадил, нисбатан камбориш, зимистонаш нармтар; иқлими районҳои ҷан. шарқӣ гармтару континенталӣ мебошад. Миқдори боришоти солона ба ҳисоби миёна 550—700 мм. Боришот бештар ба моҳҳои тобистон рост меояд. Давраи нашв дар Шим. Ш. Б. 178 рӯз, дар Ҷ. Ғ. он то 208 рӯз. Дарёҳои Б. ба ду ҳавза—Баҳри Сиёҳ (Днепр бо шохобҳояш: Сож, Друть, Березина, Припять) ва б. Балтик (Двинаи Ғар-

бӣ, Неман, Буги Ғарбӣ) тааллуқ доранд. Аксари дарьёҳо барои чӯброниӣ ва киштигардӣ истифода мешаванд. Манбаи оби онҳо асосан барфу борон аст. Кӯлҳои калони Б. Нарочь, Освей, Дрывяты, Снудыструсто, Нещердо, Червоное (Кӯли калони Князь), Выгоновское мебошанд. Хоки Белоруссия чимтолу хокистарранг, чимтолу хокистарранги ботлоқӣ, чимтолу ботлоқӣ ва торфию ботлоқианд. Дар республика торфзорҳоро аз худ намуда, ботлоқҳоро мехушконанд.

Терр. Б. ба минтақаи бешаҳои омехтаи қисми Европоии СССР дохил буда, дар он асосан дарахтони сӯзанбаргу паҳнбарг, растаниҳои маргзорию ботлоқӣ меруянд. Беша $^1/_3$, маргзору чарогоҳҳо $^1/_6$, растаниҳои дастпарвар $^1/_3$, растаниҳои ботлоқию буттагӣ қариб $^1/_{10}$ қисми хоки Б.-ро фаро гирифтааст. Дар бешазорҳо дарахтони сӯзанбарг хеле зиёданд (қариб 70%). Бешаи Беловеж (хоҷагии қӯруқу шикор) яке аз бешаҳои машҳури анбӯҳ мебошад. Ғайр аз ин қӯруқи Березина, қӯруқи давлатии ландшафту гидрологии Припять ва г. мавҷуданд. Дар Б. қариб 400 намуди ҳайвоноти мӯҳрадор, аз ҷумла 60 намуди ҳайвоноти ширхӯр зиндагӣ мекунад. Рӯбоҳ, санҷоб, заргӯш, шоҳгавазн, оху, гуроз, савсор, қашқалдоқ хеле бисьёр аст; хирси бӯр ва силовсин вомехӯрад. Дар бешаи Беловеж зубр боқӣ мондааст. Ғайр аз ин кундуз, сагобӣ, норка ва қоқум зиндагӣ мекунад. Еноти америкоӣ, саги енотмонанди уссурӣ, ондатра ба шаронти маҳал мутобиқ карда шудааст. Дарьё ва кӯлҳои Б. аз загарамоҳӣ, симмоҳӣ, шӯртан, лаққамоҳӣ, язь, ряпушка, линь, мормоҳӣ ва ғайра бойанд. Олами парандагони Б. зиёда аз 280 намудро дар бар мегирад; мургобӣ, титав, тазарв ва г. аҳамияти хоҷагӣ доранд.

Аҳолӣ. Ҳайати миллии аҳолии Б. нисбатан якхела аст. Бино ба маълумоти рӯйхатгирии аҳолӣ (1970) белорусҳо 81,0%, русҳо 10,4%, полякҳо 4,3%, украинҳо 2,1%, яҳудиён 1,6%-ро ташкил мекунанд. Ғайр аз ин литвониҳо ҳам ҳастанд. С. 1973 назар ба 1913 шумораи умумии аҳолӣ 33,4% зиёд шудааст. Зичии миёнаи аҳолӣ (1. 1. 1973) дар 1 км² 44,3 наф. Дар Б. аҳолӣ нисбатан баробар ҷо гирифтааст. Калонтарин ш-ҳо: Минск (аҳол. 1216 ҳаз. наф.), Гомель, Витебск, Бобруйск, Могилёв, Гродно, Брест, Барановичи, Орша.

Очерки таърихӣ. Қадимтарин касабаҳо дар Б. ба давраи палеолити миёна рост меоянд (қароргоҳҳои Бердыж, Подлужия, Юровичи ва г.). Садҳо қароргоҳҳои давраи мезолит ва неолит шаҳодат медиҳанд, ки одам дар ин давра дар тамоми хоки республика ҳаёт ба сар мебурд. Қабилаҳое, ки дар ҳазорсолаи 3—2 то м. (асри биринчи) зиндагӣ мекардаанд, осори ёдгориҳои мадании боки гузоштаанд. Дар а. 7 то м. дар сарзамини Б. аз оҳан истеҳсол кардани олоти меҳнат, сохтмони маҳалҳои аҳолинишин сар шуд. Қариб 1500 шаҳрчаи маданияти Милгород ва Зарубинец ба ибтидои асри биринчӣ мансубанд. Дар натиҷаи ҳафриёти археологи маълум гардид, ки қабилаҳои славянҳои қадим ҳанӯз дар а. 1 то м. ва а. 1 м. дар терр. Б. маскан гирифта будаанд. Дар болооби Днепр ва Волга қабилаҳои кривичҳо, дар сохилҳои Березина ва Припять дреговичҳо, дар ҳавзаи Сож радимичҳо зиндаги мекарданд.

Дар а-ҳои 6—8 алоқаҳои аҷдодии қабилаҳои славянҳои шарқӣ, ки дар хоки Б. зиндагӣ мекарданд, барҳам хӯрда, муносибатҳои синфии феодали ба миён меояд: иттифоқҳои қабилавии кривичҳою радимичҳо ва дреговичҳо ба князиҳо табдил ёфта, косибӣ тараққӣ мекунад, савдо инкишоф ёфта, шаҳрҳо ба вуҷуд меоянд. Дар а-ҳои 9—11 сарзамини Б. ба ҳайати давлати Руси Қадим—Руси Киевӣ дохил буд. Дар натиҷаи парокандагии давлати Руси Қадим дар а-ҳои 11—12 дар Б. князиҳои мустақил, монанди Полоцк, Туров, Минск, Смоленск ба вуҷуд омаданд, ки ҳар кадоме дар навбати худ ба князиҳои хурд тақсим мешуданд. Парокандагӣ ва ҷангҳои пай дар пай байни князиҳо ба суст шудани онҳо оварда расонд. Дар шароити парокандагии феодали ва истилои тотору мӯғулҳо, ки сарзамини шим. шарқ ва ҷан. шаркро забт карданд, заминҳои Б. дар а-ҳои 13—14 ба ҳайати князии Бузурги Литва дохил шуда, қисми зиёди қаламрави онро ташкил доданд. Дар асоси халқияти қадими рус, ки дар а-ҳои 9—10 ташаккул ёфтааст, се халқи барадар — русҳо, украинҳо ва белорусҳо ба вуҷуд омаданд. Ба заминҳои ғарбии Руси Қадим номи «Белая Русь» дода шуд. Дар а-ҳои 13—15 халқи белорус бо ҳамроҳии литвониҳо, полякҳо ва русҳо ба муқобили таҷовузи рыцарьҳои немис қаҳрамонона мубориза бурд. Муҳорибаи Грюнвальд (1410) дар торумори ордени Тевтон ва хотимаи таҷовузи рыцарьҳои немис дар шарқ роли халқуноиро бозид. Дар муҳорибаи Куликово (1380) қувваҳои муттаҳидаи князиҳои рус бо ҳамроҳии отрядҳои белорусҳо ва украинҳо қӯшуниҳои тоторҳоро торумор карданд. Тараққиёти иқтисодиёти шаҳрҳо ва мубориза шаҳриён барои ҳуқуқҳои худ князиҳои бузурги ро ҳуқуқи дарданд, ки ба бисьёр шаҳрҳо ҳуқуқи худидоракуниӣ (ба ном ҳуқуқи Магдебург) диҳанд. С. 1390 ба Брест, 1391 ба Гродно, 1441 ба Слуцк, 1498 ба Полоцк, 1499 ба Минск, 1561 ба Могилёв, 1597 ба Витебск чунин ҳуқуқ дода шуд. А-ҳои 15—16 дар шаҳрҳо ташкилоти пешаи коҳибҳо таъсис ёфт. Ташаккули халқи белорус дар а. 16 ба итмом расид. Деҳқонону шаҳриёни Б. барои озоди ба муқобили ландлаҳои серпушмори феодали мунтазам мубориза мебурданд. Феодалҳои князии Бузурги Литва бо мақсади мустаҳкам намудани ҳукмронии худ дар Б. ва Украина пурзур кардани мубориза бар зидди баромадҳои зиддифеодалии меҳнаткашон дар роҳи муттаҳид шудан бо халқи рус, инчунин дар натиҷаи шикаст хӯрдан дар ҷанги Ливон (1558—83) с. 1569 бо Польша созишнома бастанд. Ҳамин тариқ давлати феодалии Речь Посполита ба вуҷуд омад ва Б. ба ҳайати он дохил шуд. Ҳукуматдорони Речь Посполита бо Ватикон иттифоқ баста, дар Б. дини католикиро ҷорӣ намуданд.

Халқи Б. ба муқобили зуроварии феодалҳои Польша ва калисои католики борҳо баромад кард. С. 1590 дар р-ни Могилёв ва Быхов отрядҳои деҳқонон ва казакҳо бо сардории Матюшко мулкҳои помещиконро ҳарб карданд; 1595 дар ноҳиҳои Минск, Могилёв ва Быхов деҳқонон бо роҳбарии С. Наливайко шуриш бардоштанд; 1606 ба шуриши шаҳриёни Могилёв С. Миткович роҳбарӣ кард. С-ҳои 1648—54 деҳқонон ва камбағалон бо сардории Гаркуша, И. Голота, М. Небаба, С. Пабадайло, М. Криченский ва диг. ҷанги озодихоҳии халқи украиниро, ки ба он Б. Хмельницкий роҳбарӣ мекард, фаъолона дастгирӣ намуданд. Дар рафти ҷанги русу полякҳо (1654—67) аскарони рус қисми шиҳи Б.-ро ишғол карданд, аммо муваффақиятсулки Андрусово (1667) Б. дар ҳайати Речь Посполита монд. Дар натиҷаи ҷангҳои ҳарбиовар ва туруснагию вабо иқтисодиёти Б. дар миёнаи а. 17 таназзул ёфт, аҳолӣ қариб ду баробар кам шуд. Ҷанги шимолии с-ҳои 1700—21, ки амалиёти он бештар дар сарзамини Б. гузашт, иқтисодиёти Б.-ро боз ҳам ҳаробтар кард. Дар муассисаҳои давлатӣ ва дар байни синфҳои ҳукмрон ба ҷои забони белоруси забони полякӣ ҷорӣ шуд. Дар натиҷаи се таксимоти Речь Посполита (1772, 1793, 1795) Б. ба ҳайати империяи Россия дохил шуд. Ин воқеа барои халқи белорус аҳамияти прогрессиви дошт. Б. ба бозори умумироссиягӣ дохил шуда, бо маданияти халқи барадари рус наздик шуд. Дар рафти ҷанги ватании 1812 дар Б. бар зидди қӯшуниҳои Наполеон ҳаракати партизанӣ сар зад. Дар а. 19 дар Б. муносибатҳои капиталистӣ ташаккул ёфтанд. Дар аввалҳои с. 1850 шумораи корхонаҳои саноати 6 маротиба, корхонаҳои қариб 4 маротиба афзуд. С. 1861 бекор шудани ҳуқуқи крепостӣ ба деҳқонон нафъе наовард: онро на сохиби замин шудаанду на озоди ба даст оварданд. Қариб нисфи заминҳо бештарин миқдори бештаре дар иҷораи помещикон, давлат ва калисо буд. Норозиёнии аз иҷораи торҳо ба ошубҳои умумиоварт. С. ҳои 1863—64 дар Б. бо роҳбарии Кастусь Калин-

новский ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ шӯриши калоне бархост. Шӯриш ҳукуматро ба баъзе гузаштҳо мачбур кард.

Баъди ислоҳоти с. 1861 саноати чӯб, вино, гӯгирд, коғаз, тамоку ва диг. соҳаҳо босуръат тараққӣ кард. Р. о. Москва — Брест, Либава — Роменская ва ғ., ки дар с-ҳои 60—70 а. 19 сохта шуданд, Б.-ро бо Россияи марказӣ, Украина, Прибалтика, Польша пайвастанд. Дар нимаи дуюми а. 19 халқи белорус ҳамчун миллат ташаккул ёфт. Баробари ба давраи империализм дохил шудани Россия иқтисодиёти Б. хусусиятҳои нав пайдо кард. Дар аввали а. 20 шумораи умумии коргарони саноат, р. о., сохтмон ба 80 ҳаз. наф. расид. Баробари тараққиёти капитализм муборизаи синфӣ шиддат ёфт, ташкилотҳои коргарӣ ба вучуд омаданд. Дар с-ҳои 80—90 а. 19 кружокҳои марксистии коргарон ва дар миёнаи с-ҳои 90-ум ташкилотҳои с.-д. ташкил шуданд. 1—3 марти 1898 дар Минск Съезди 1-уми РСДРП барпо гардид. Аввали с. 1904 дар Полесия ва Шим. Ғарбии Б. комитетҳои РСДРП ташкил ёфта, ташкилотҳои асосии с.-д.-и Б.-ро муттаҳид намуданд. Корпартоиҳои сершумори коргарон ва баромадҳои деҳқонон дар аввали а. 20 Б.-ро ба арсаи зиддиятҳои тезу тунди синфӣ табдил доданд. Пролетариат ва деҳқонони Б. дар Рев. 1905—07 фаъолона иштирок карданд. Дар зери таъсири муборизаи революционии коргарону деҳқонон дар Б. ҳаракати миллии озодихоҳӣ авҷ гирифта, дар он ду равия: революционӣ-демократӣ ва либералию буржуазӣ зоҳир гардид. Ташкилотҳои революционии с.-д. бар зидди партияҳои майдабуржуазии миллатчиён — громадаи социалистии Б. (1902), инчунин бар зидди Бунд (1897 барпо шуда буд) муборизо мебурданд.

Саноати Б. дар солҳои 1909—14 хеле тараққӣ кард. Маҳсулоти умумии саноати калони Б. с. 1913 назар ба 1903 бештар аз ду баробар афзуд: шумораи коргарони саноат, сохтмон ва нақлиёт ба 280 ҳаз. наф. расид. Ислоҳоти аграрии столыпинӣ боиси он гардид, ки қариб 20%-и хоҷагиҳои деҳқонони Б. ба хутору отрубҳо дохил шуданд. Шумораи коргарони х. қ. ба 200 ҳаз. наф. расид.

Б. дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба арсаи амалиёти ҳарбӣ табдил ёфт. Фронти ғарбӣ аз хоки Б. мегузашт. То с. 1915 қариб нисфи сарзамини Б.-ро қӯшунҳои Германияи кайзерӣ ишғол карда буданд. Дар Б., чун тамоми Россия, аз сиёсати мутлақият норозигии халқ меафзуд. Рев. Февраля с. 1917 сохти мутлақаро сарнагун кард. Ин ба баромадҳои революционии меҳнаткашони Б. такони буд. Онҳо намояндагони ҳокимияти подшоҳиро сарнагун карда, марти 1917 дар ҳама ҷо Советҳои депутатҳои коргарону солдатҳоро барпо намуданд. Ба муборизаи революционии меҳнаткашони Б. большевикон, аз ҷумла М. В. Фрунзе, А. Ф. Мясников, В. Г. Кнорин, Н. Я. Алибегов, К. И. Ландер, И. Е. Любимов, С. Г. Могилёвский сарварӣ намуданд. Дар натиҷаи ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь худи ҳамон рӯз (7. 11. 1917) дар Минск ва то 20 нояб. дар тамоми қисми озоди Б. Ҳокимияти Советӣ барпо гардид. Отрядҳои революционӣ бо сардории большевикон пеши роҳи ҳаракати қисмҳои ҳарбии контрреволюционериро гирифтанд, ки бо фармони ҳукумати муваққатӣ аз фронт барои пахш кардани шӯриши яроқноки октябрь дар Петроград, Москва ва ғ. фиристода шуда буданд. 19 нояб. 1917 дар Б. охирин такьягоҳи контрреволюция — Қароргоҳи сарфармондеҳи олӣ, ки дар Могилёв ҷо гирифта буд, барҳам дода шуд. Дар деҳаи Солы бо қӯшунҳои немис муторика ба имзо расид, дар Брест гуфтушуниди сулҳ (нг. *Сулҳи Брест*) сар шуд. 9. дек. 1917 дар сарзамини забтногардидаи Б. тамоми ҳокимият ба дасти Комитети иҷроияи вилоятии Совети депутатҳои коргарону солдатҳо ва деҳқонони Вил. Ғарбӣ ва органи иҷроияи ҳокимият — Совети Комиссарони Халқи Вил. Ғарбӣ ва фронт гузашт. Дигаргунсозиҳои аввалини социалистӣ оғоз ёфтанд.

Февр.—марти 1918 қӯшунҳои немис шарти муторикаро вайрон карда, қариб тамоми Б.-ро забт намуданд. Нояб.—дек. 1918 Армияи Сурх бо ёрии партизанҳои белорус Б.-ро аз истилогарон озод кард. 30—31 дек. 1918 Съезди 1-уми Партияи Коммунистии (большевикони) Б. дар бораи ташкили РССБ ва Ҳукумати муваққатии революционии коргару деҳқони Б. (раисаш Д. Ф. Жилунович) қарор қабул кард. 1 янв. 1919 таъсиси РССБ эълон шуд. 2—3 февр. 1919 дар Минск дар Съезди умумибелорусии Советҳо Конституцияи РССБ қабул, КИМ ва СКХ интихоб, герб ва байрақи РССБ тасдиқ шуд. Дар ин съезд раиси КИМ умумироссия Я. М. Свердлов қарори КИМ умумироссияро «Дар бораи эътироф кардани истиқлоли Республикаи Советии Социалистии Белоруссия» эълон кард, инчунин дар хусуси муқаррар намудани алоқаи федеративӣ бо РСФСР изҳорот қабул шуд. Февр. 1919 РССБ ва Литваи Советӣ ба РСС Литваю Белоруссия муттаҳид шуданд. 31. 7. 1920 дар маҷлиси намояндагони ПК Литва, Белоруссия ва ташкилотҳои ҷамъиятии Минск ва губ. он оид ба ҷудо шудани Литва аз Б. ва ташкил намудани РССБ-и соҳибихтиёр изҳорот қабул шуд. С-ҳои 1919—20 дар сарзамини Б. байни Армияи Сурх ва қӯшунҳои Польшаи буржуазӣ ҷанг мерафт. Мувофиқи аҳдномаи сулҳи Рига (18 марти 1921) қариб нисфи Б. ба Польшаи буржуазӣ гузашт. Дар Б.-и Ғ. ҳокимияти буржуазӣ ва помещикон барқарор ва режими сахти истилогарон ҷорӣ шуд. 16 янв. 1921 байни РСФСР ва РССБ оид ба иттифоқи ҳарбӣ ва хоҷагӣ шартнома баста шуд. 30 дек. 1922 дар Съезди 1-уми умумииттифоқии Советҳо РСФСР, РССУ, РССБ ва ЗСФСР дар асоси ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ ба СССР муттаҳид шуданд.

Дар давраи азнавбарқароркунӣ ва се панҷсолаи пеш аз ҷанг РССБ дар бобати индустриякунонӣ, коллективонии х. қ. ва рев.-и маданӣ муваффақиятҳои калон ба даст овард. С. 1935 барои муваффақиятҳо дар сохтмони социалистӣ Б. бо ордени Ленин мукофотонида шуд. 19 февр. 1937 Съезди 12 Советҳо Конституцияи нави РССБ-ро қабул кард, ки дар он музаффариятҳои социалистии халқи белорус ҳукми қонун гирифт. Оммаи меҳнаткаши Б.-и Ғ., ки дар зери ҳукмронии Польша буд, барои озодии иҷтимоӣ ва миллӣ, барои бо РССБ муттаҳид шудан суботкорона мубориза мебурд. Ба муборизаи революционии коргарону деҳқонон Партияи Коммунистии Б.-и Ғ. (ПКБҒ), ки зиёда аз 7 ҳаз. наф. аъзо дошт, роҳбарӣ мекард. Сент. 1939 дар натиҷаи юриши озодихоҳонаи Армияи Сурх Б.-и Ғ. ба давлати ягонаи Б.-и Советӣ муттаҳид шуд. То с. 1940 Б. ба яке аз калонтарин республикаҳои индустриалию колхозии СССР табдил ёфт. Назар ба с. 1913 маҳсулоти умумии саноат 8,1 баробар (якҷоя бо Б.-и Ғ.), ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати калони вил.-ҳои шарқии РССБ 23 баробар афзуд, шумораи аҳолии шаҳр қариб 2 баробар зиёд шуд. 93,4% хоҷагиҳои деҳқонони Б. дар 10,2 ҳаз. колхоз муттаҳид гаштанд, майдони кишт 14,8% афзуд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ халқи белорус рӯзҳои мудҳишро аз сар гузаронд. Аз аввали ҷанг Б. ба арсаи амалиёти ҷангӣ табдил ёфт. Қӯшунҳои советӣ дар хоки Б. ҷанги шадиди мудофиавӣ мебурданд. Гарнизони қалъаи Брест қаҳрамонона ҷангида, дар давоми як моҳ қувваи зиёди душманро нигоҳ дошт. Ҳангоми мудофиаи Минск, Могилёв, Гомель, Жлобин ва диг. шаҳрҳо ҷангҳои сахт давом кард. Аз рӯи маълумотҳои нопурра аз Б. ба шарқи мамлакат қариб 1,5 млн одам эвакуация, 109 корхонаи калони саноатӣ кӯчонда шуданд. Дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиёда аз 1100 ҳаз. наф. белорусҳо ҷангиданд, сеяки онҳо барои шуҷоат ва мардонагӣ бо ордену медальҳои СССР мукофотонида шуд. 462 ҷанговари белорус сазовори номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ гардид, аз онҳо 4 наф. ду карат қаҳрамон мебошанд.

Дар сарзамини Б., ки онро фашистони истилогар забт карда буданд, бо роҳбарии КМ ПКБ ҳаракати умумихалқии партизанӣ вусъат ёфт. Ба

муқобили гитлерчиён 374 ҳаз. партизан, ки ба 1108 отряд ва 199 бригадаи партизанӣ муттаҳид шуда буданд, мардонавор ҷангиданд. 400 ҳаз. наф. аҳолии маҳалли, ки бевосита ба муқобили истилогарони немис муборизе мебурданд, резерви партизанҳо буданд. Дар Б. ташкилотҳою гурӯҳҳои пинҳонкорӣ, партиявию комсомолӣ ва зиддифашистӣ амал мекарданд ва 70 ҳаз. аъзо доштанд. Зиёда аз 120 ҳаз. партизан ва пинҳонкорӣ белорус бо ордену медальҳои СССР мукофотонида шуданд, аз онҳо 87 нафарашон сазовори номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ гардиданд.

Дар се соли муборизе дар ақибгоҳи душман (аз июни 1941 то июли 1944) партизанҳои белорус қариб 500 ҳаз. гитлерчиёнро несту нобуд, 11 128 эшелони душманро чаппа, 819 пули р. о. ва 4710 пули диг-ро таркондаанд, 948 гарнизону штаб, 939 анбори ҳарбии душманро несту нобуд карда, 1355 танку мошини зиреҳпӯш, 18700 автомошина, 305 самолёти душман ва г.-ро аз кор бароварданд. То охирҳои с. 1943 партизанҳои белорус қариб 60% терр. республикаро таҳти назорати худ гирифтанд. Онҳо қариб 10% қувваҳои мусаллаҳи душманро, ки дар фронти Иттифоқи Советию Германия меҷангиданд, нигоҳ доштанд. Июли 1944 қӯшунҳои советӣ бо иштироки фаъолонаи партизанҳо РССБ-ро аз фашистони истилогар пурра озод карданд.

Истилогарон ба сари халқи белорус кулфатҳои зиёде оварданд. Фашистон дар солҳои истило дар Б. 2 млн 225 ҳаз. одамро куштанд ва гирифтори азобу шиканҷа намуданд. Онҳо қариб 380 ҳаз. касро барои кор ба Германия бурданд. Фашистон дар Б. 260 лагери одамкушӣ, лагерҳои концентрационӣ, садҳо ҳабсхона, гетто сохта буданд. Онҳо ба муқобили партизанҳою аҳолии осоиштаи Б. экспедицияҳои ҷазоиҳӣ ташкил карда, дар натиҷа даҳҳо деҳаро бо аҳолияш нобуд карданд, садҳо ҳазор одамро куштанд ва азоб доданд. Истилогарон дар Б. бисьёр шаҳру маркази ноҳия, деҳа, садҳо иморату иншоотро оташ заданд ва вайрон карданд. Фақат зарари модӣ ба хоҷагии халқ ва гражданинҳои республика 75 млрд сумро (бо нархи 1941) ташкил кард, ки он аз нимаи сарвати миллии республика зиёд буд. С. 1944 ҳаҷми маҳсулоти саноати Б. ҳамагӣ 5% маҳсулоти 1940 ташкил дод. Ба туфайли ёрии бародаронаи ҳамаи республикаҳои Иттифоқи Советӣ хоҷагии халқи Б. то с. 1950 қариб пурра барқарор шуд ва ба дараҷаи 1940 расид. Дар аввали с. 1969 республика назар ба 1913 қариб 90 маротиба аз нисбат ба 1940 11 маротиба зиёд маҳсулоти саноати истеҳсол кард. Б. дар тараққиёти саноат, х. қ., маданият ба муваффақиятҳои калон соҳиб шуд. Соҳаҳои нави саноат: тракторсозӣ, автомобилсозӣ, нефть бурьёд шуд; саноати сабук, хӯроквории ва г. боз ҳам тараққӣ кард. Республика ба зиёда аз 70 мамлакати ҷаҳон маҳсулот мебарорад.

РССБ яке аз давлатҳои таъсисгузорандаи ТДМ ва худ аъзои он аз с. 1945, инчунин аъзои як қатор ташкилотҳои диг. байналхалқӣ мебошад.

Партияи Коммунистии Белоруссия (ПКБ) охири дек. 1918 дар натиҷаи муттаҳид шудани ташкилотҳои большевикие, ки аз аввали а. 20 дар сарзамини Б. амал мекарданд, барпо гардидааст. 30—31 дек. 1918 Конференцияи 6-уми РКП(б) и вилояти Шимолу Ғарби (Смоленск) дар бораи ташкили РССБ қарор қабул карда, худро Съезди 1 ПК(б) Б. эълон намуд. ПКБ дар ҳамаи давраҳои сохтмони социалистӣ дар республика кори бузурги ташкилӣ ва сиёсӣ мебурд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Б. и забтшуда 10 комитети вилояти, 191 комитети ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва районии ПК(б) Б., қариб 1300 ташкилоти ибтидоии партияи, ки ҳазорон наф. коммунистро муттаҳид карда буданд, амал мекарданд. ПКБ авангарди халқи белорус аст.

Иттифоқи Коммунистии ҷавонони Ленинии Белоруссия (ЛКСМБ) ёрдамчии ҷавонӣ ПКБ дар кори ба сохтмони социализм ва коммунизм сафарбар намудани ҷавонон мебошад. Аввалин ташкилотҳои комсомолӣ дар Б. тирамоҳи с. 1918 ташкил ёфтанд. Дар Съезди 1 (25—27 сент. 1920, Минск) ЛКСМБ ба расмият даромад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Б. 10 комитети пинҳонкорӣ вилояти, 20 комитети ноҳиявӣ, 12 комитети шаҳрӣ, 191 комитети районӣ, зиёда аз 5000 ташкилоти ибтидоии ЛКСМБ амал мекарданд, ки қариб 100 ҳаз. аъзоёни комсомолро муттаҳид карда буданд. Комсомоли Б. бо ордени Байраки Сурх (сент. 1945) ва ордени Ленин (сент. 1970) мукофотонида шудааст.

Иттифоқҳои касабаи Б. дар солҳои Рев. 1905—07 ташкил ёфта, баъди ғалабаи Рев. Октябрь дар сохтмони социалистӣ фаъолона иштирок намуданд. Съезди 1 иттифоқҳои касабаи Б. моҳи май 1921 барпо гардид.

РССБ бо 2 ордени Ленин (15. 3. 1935, 22. 12. 1958), ордени Революцияи Октябрь (27. 12. 1968), ордени Дӯстии Халқҳо (29. 12. 1972) мукофотонида шудааст.

Хоҷагии халқ. Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ Б. ба республикаи индустриалии дорои х. қ. мутараққӣ табдил ёфт. Вай дар тақсимоти умумииттифоқии меҳнат ҳамчун республикаи мошинсозӣ, металлкӯбӣ, саноати химия ва сабук, дар соҳаи х. қ. бошад, ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти чорвоиҳо, картошка, ҷаҷир ва г. ҳисоб мешад. Дар давраи истило зиёда аз 80% саноати РССБ ҳарабу абгор шуда буд. Ҳанӯз аввалҳои с. 1950 бо ёрии республикаҳои бародарии СССР истеҳсоли маҳсулоти саноат ба дараҷаи пеш аз ҷанг расид.

Базаи энергетикии РССБ ба сӯзишвории каншондашаванда ва торфи маҳалли асос меёбад. Бинобар ин истеҳсоли нефти худи Б. дар Полесии аҳамияти калон пайдо мекунад. С. 1975 8,0 млн т нефть истеҳсол шуд. Дар асоси нефте, ки бо нефтепровод аз Поволжия меояд, дар Полоцк ва Мозырь калонтарин эҳдоҳои коркарди нефть сохта шуданд. Газ аз табиӣ барои эҳтиёҷоти саноат ва аҳолии Б. ба воситаи газопровод аз Украина меояд. С. 1976 29,0 млрд квт/соат қувваи электр ҳосил карда шуд, ки он назар ба 1940 42 маротиба зиёд мебошад. Дар республика автомобилҳои боркаш, трактору дастгоҳҳои металлбурӣ, мотоциклҳо, телевизору радиоприемник, радиола, мошинҳои х. қ., ҳисобмошинҳои электронӣ (ЭВМ), лампаҳои электрӣ, яхдон, соат, подшипникҳо ва г. истеҳсол мешавад. Саноати химия тез тараққӣ мекунад. С. 1974 987,4 ҳаз. т (воҳиди шартӣ) нурӣҳои минералӣ истеҳсол гардид, ки 13% истеҳсоли умумииттифоқии нурӣҳои минералӣ, аз ҷумла 49% нурӣҳои калийдорро ташкил мекунад. Дар асоси конҳои калиии р-ни Солигорск калонтарин дар СССР комбинати нурӣҳои калийдор бурьёд гардидааст. Саноати нурӣҳои нитрогенӣ (Гродно), суперфосфат (Гомель) ва диг. соҳаҳои саноати химия тараққӣ доранд; истеҳсоли ашёи химияви, маснуоти резинию пластмасси меафзояд. Саноати химиявӣ чӯб ва чӯбҳо (истеҳсоли мебель, ҳоҷаг, фанер, ҳӯгирд ва г.) аҳамияти калон дорад.

Дар РССБ саноати ҳӯҷандаги хеле тараққӣ кард. Корхонаҳои калонии ин соҳа — комб. ҷазвари пахтагин Барановичи, з-ди пахтаи сунъии Могилев, комбинати картошаи Орша, з-ди трикотажи Минск ва г. мебошанд. Соҳаҳои саноати дуҷандаги, колинбафӣ, трикотаж, пойафзол ва г. талаботи республикаро қонеъ гардонда, ба диг. ҷойҳо низ маҳсулот мефиристанд.

Х. қ. РССБ асосан бо парвариши чорвои серширу сергӯшт ва хуч машғул аст. Республика с. 1974 9,8 млн га замини х. қ., аз ҷумла 6,2 млн га киштзор дошт. Зироат ба эҳтиёҷоти чорвоиҳо мутобиқ шудааст. С. 1972 ба 35,4% замини зиром зироати хӯроки чорво, ба 16,2% майдони картошка, ки қисмаш ба чорво дода мешавад ва ба 43,3% майдони ғалла (асосан ҷав, ҷаҷир, ҷавдор) кишт карда шуд.

Намудҳои асосии нақлиёти Б. — р. о., автомобиль ва нақлиёти об. Трубопровод дар нақлиёти нефть ва газ аҳамияти калон дорад.

Нигаҳдории ҷанглуруҳо. С. 1974 дар РССБ аз ҳисоби ҳамаи ҷанглуруҳо 112,1 ҳаз. кат. 1454 муассисаи табобати амбулаторию поликлиникӣ, 578 пан-

сультацияи занона, поликлиникаи кӯдакона ва амбулатория, 2868 пункти фельдшерию акушерӣ, 109 диспансер, 1134 дорухона ва 3208 пункти доруфурӯшӣ, 159 станцияи санитарию эпидемиологӣ мавҷуд буд. Кадрҳои тиббиро 3 ин-т ва 20 омӯзишгоҳи тиббӣ тайёр мекунад; дар Минск ин-ти такмили ихтисоси духтурон, 9 ин-ти тадқиқоти илмии тиббӣ, 45 санаторияи дорои 7710 ҷой, 16 хонаи истироҳати дорои 4509 ҷой мавҷуд аст. Дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ 29,4 ҳаз. духтур ва 88,4 ҳаз. коркуни миёнаи тиббӣ кор мекарданд.

Адабиёт. Адабиёти белорус аз эҷодиёти даҳанакии халқ, инчунин аз адабиёти даврои Руси Киев, ки маданияти он мероси муштараки русҳо, украинҳо ва белорусҳо мебошад, оғоз ёфтааст. Дар адабиёти ин давра дастнависи инҷили Туров (а. 11), асарҳои динӣ-калисоии Кирилл Туровский (1130—82), Климентий Смолятич, инчунин котиба Ефросинья Полоцкая машҳур буданд. То ба ҳайати Князии Бузурги Литва ҳамроҳ шудан адабиёти белорус назар ба адабиёти Литва машҳуртар буд. Бинобар ин забони белорусӣ забони расмии Князии Бузурги Литва гардид.

Бо Россия ҳамроҳшавии Б. ба белорусҳо имконият дод, ки бо маданияти рус наздиктар шинос шаванд. Ин ба инкишофи адабиёти нави белорус кӯмак расонд. Дар нимаи якуми а. 19 бисьёр дастнависи асарҳои маҷҳулмуаллиф ба вуҷуд омаданд: «Гуфтугӯи Данила бо Степан», «Гуфтугӯи пан бо деҳқон», шеърҳои зидди крепостной, достонҳо ва ғайра. Намояндагони маъруфи адабиёти ин давра П. Багрим, В. Дунин-Марцинкевич (1807—84) мебошанд. Аз нимаи дуюми а. 19 дар адабиёти белорус реализми танқидӣ ҷои асосиро ишғол намуд, ки асосгузорони он Ф. Богушевич (1840—1900), Янка Лучина (1851—97), Адам Гуринович (1869—94) ба ҳисоб мераванд. Марҳалаи нави тараққиёти адабиёти миллӣ аз даврои Рев. 1905—07 сар шуд. Янка Купала, Якуб Колас ва диг. таннумкунандагони фикру ақидаҳои революционии халқи белорус буданд.

Рев. Каб. Соц. Октябрь барои пешрафти минбаъдаи адабиёти белорус имкониятҳои калон фароҳам овард. Я. Купала, Я. Колас аввалин шуда асарҳои бадеии адабиёти советии белорусро офариданд. К. Чорный (1900—44), М. Чарот (1896—1937), К. Крапива (тав. 1896), М. Лыньков (тав. 1899), П. Бровка (тав. 1905), В. Дубовка (тав. 1900), П. Глебка (1905—69), М. Зарецкий (1901—41), М. Гарецкий (1893—1939), А. Кулешов (тав. 1914) ва диг. дар тараққиёти адабиёти советии белорус саҳми калон гузоштанд.

Асарҳои дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ офаридаи нависандагони белорус пур аз ҳисси муҳаббат ба Ватан ва боварӣ ба ғалаба мебошанд. Дар солҳои баъди ҷанг Я. Колас асари сегонаи «Дар чорраҳа» ва достони «Кулбаи моҳигир»-ро ба итмом расонд; М. Лыньков романи ҷангномаи чорҷилдаи «Рӯзҳои фаромӯшношуданӣ»-ро офарид. Романҳои И. Шамякин «Ҷараёни чуқур», «Барои кор», «Чоҳҳо»; И. Мележ «Самти Минск»; П. Бровка «Вақте ки дарьёҳо як мешаванд»; повести Я. Брыль «Дар Заболотия субҳ медамад»; пьесаҳои А. Макаёнок «Илтимос, бубахшед», «Лявониха дар мадор», «Пайғамбари парканда», «Трибунал», шеъру достонҳои М. Танк, П. Панченко, А. Кулешов, П. Глебка, К. Кириенко, А. Пысин, Р. Бородулин ва ғ. машҳур шуданд. Дар солҳои охир романҳои И Шамякин «Дил дар кафи даст», «Атлантҳо ва кариатидҳо»; Я. Брыль «Парранда ва ғ. па», И. Мележ «Одамон дар ботлоқ» ва «Нафаси раъду барқ» (Мукофоти ленинӣ — 1972), Н. Лобан «Дар остонаи оянда» ва «Шаҳрчаи Устронь», повестьҳои В. Быков «Мушаки сеюм», «Қиссаи Альп», «Сотников», маҷмӯаи шеърҳои П. Бровка «Рӯзҳо мегузаранд...» (Мукофоти ленинӣ — 1962), П. Панченко «Дар равшании барқ», М. Танк «Пан барқ» ва ғ. офарида шуданд. Танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ низ бомуваффақият тараққӣ мекунад.

Санъати тасвирӣ. Дар Б. санъати амалии халқӣ, махсусан кандакорӣ, кулолӣ, заргарӣ, бофандагию гулдӯзӣ аз қадимулайём машҳур аст. Дар Полоцк заргар Лазарь Богша (а. 12), дар Пинск кандакор Ананий (а. 15), ҳаккокҳои могилёвӣ Максим ва Василий Вощанка, Фёдор Ангилейко (а. 17) устоҳои номӣ буданд. Камарбандҳои зардӯзии Слуцк дар таъриҳи гулдӯзии умумиҷаҳонӣ ҷои намоёнро ишғол менамояд. Баъди қабул кардани дини насронӣ иконакашӣ, минётураи китоб ва баробари оғози чопи китоб гравюра хеле тараққӣ кард. Аз рассомону ҳайкалтарошони а. 19 С. К. Зарянко, И. Т. Хруцкий, А. Г. Горавский, Н. Ю. Силиванович, А. Ф. Васютинский машҳуранд. Навъу жанрҳои санъати тасвирӣ дар даврои советӣ хеле пеш рафт. С. 1938 ходимони санъати тасвирии Б. ба Иттифоқи рассомони советии РССБ муттаҳид шуданд. Рассомон И. О. Ахремчик, В. К. Цвирко, В. В. Волков, Е. А. Зайцев, М. А. Савицкий, В. И. Стельмашонок, В. А. Громыко, К. М. Космачёв, А. Д. Шибнев ва диг. дар асарҳои ҳуд бештар ба мавзӯъҳои советӣ рӯ оварданд. Асарҳои графикҳо А. М. Кашкуревич, А. О. Последович, Г. Г. Поплавский, рассомони театр С. Ф. Николаев, П. В. Масленников, О. П. Марикс, Е. Г. Чемодуров, ҳайкалтарошон А. К. Глебов, А. О. Бембель, З. И. Азгур, А. А. Аникейчик, С. И. Селиханов ва диг. маълуму машҳуранд.

Меъморӣ. Дар Б. ёдгориҳои меъмории даврои Руси Киев то имрӯз боқӣ мондаанд. Мас. калисои ҷомеи София (1044—66) ва калисои Спасо-Ефросинья (а. 12) дар Полоцк. Ба санъати меъмории Б. дар даврои феодализм инкишофи сохтмони қасру қалъа хос аст: манораи Каменец ё Белая Вежа (1276), қалъаҳои Новогрудка (а-ҳои 14—16), Лида (а. 14), кӯшкҳои Гродно (а-ҳои 12—16), Мира (а. 16), Несвиж (а. 16) ва ғ. Дар нимаи якуми а. 19 санъати меъмории Б. таҳти таъсири классицизми рус инкишоф ёфт (қасрҳои Гомель, Витебск ва ғ.). Дар нимаи дуюми а. 19 ва аввали а. 20 иншооти саноатӣ ва тиҷоратӣ буньёд шуданд.

Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ сохтмони иншооти калони ҷамъиятӣ, граждани ва саноатӣ вусъат ёфт. С-ҳои 30 дар Минск Хонаи ҳукумат, китобхонаи ба номи В. И. Ленин, театри опера ва балет соҳта шуд. Меъмории ҳозиразамони Б. аз комьёбиҳои охирини илми шаҳрсозӣ истифода мебарад.

С. 1934 Иттифоқи республикавии меъморон таъсис ёфт. Меъморон А. П. Воинов, Г. В. Сысоев, С. С. Мусинский, И. Г. Лангбард, Л. П. Мацкевич, В. А. Король, Г. В. Заборский, В. И. Гусев ва диг. дар сохтмон ва кашидани плани генералии шаҳрҳои Б. иштирок доштанд.

Мусиқӣ. Мусиқӣ аз замонҳои қадим писанди мардуми белорус буда, сурудсароӣ соҳаи асосии фольклори мусиқии белорус ба шумор меравад. Фольклори мусиқӣ аз сурудҳои анъанавии оилавию маросимӣ ва лирикӣ иборат аст, ки ба онҳо сурудҳои гуногунжанру гуногунмавзӯи шӯх, сурудҳои революционӣ, партизанӣ дохиланд. Аз раҳсҳои сершумор «Лявониха», «Бульба», «Янка», «Метелица», «Крыжачок», «Микита», «Юрачка», «Таукачики», «Козачка» бештар машҳуранд. Цимбала, чанги белорусӣ, ғиҷҷак, басэтля, жалейка, дудка (най) ва ғ. асбобҳои мусиқии миллӣ мебошанд. С. 1852 дар Минск нахустин операи белорусӣ «Зиндагии хуши деҳа» (мусиқии С. Монюшко, матни В. И. Дунин-Марцинкевич) ба саҳна гузошта шуд.

Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ шаклҳои санъати мусиқӣ ва маълумоти мусиқӣ инкишоф ёфт. Консерватория, театри опера ва балет, филармония, ки ба ҳайати он Оркестри давлатии симфонии РССБ, Оркестри халқии давлатии РССБ дохиланд, ташкил шуд. Ғайр аз ин Капеллаи хори академии РССБ (ташкилкунанда ва роҳбараш Г. Р. Ширма), Хори халқии давлатии РССБ (Г. И. Цитович), Ансамбли давлатии раҳсии РССБ ба вуҷуд омаданд. Дар Б. 8 омӯзишгоҳи мусиқӣ мавҷуд аст. Дар ташкили репертуари опера ва балети миллӣ А. Богатырёв, Е. Тикоцкий, А. Туренков, Н. Аладов Д. Лукас,


Могилев
Гомель
Минск
Р
С
Н
А
И
Н
А
К
Р
А
У

РСС БЕЛОРУССИЯ, ХАРИТАИ ИКТИСОДИ


САНОАТИ КОРКАРДИ МАСОЛЕХ
Мошинсозии ва коркарди металл
Дастгоҳу асбобсозӣ
Автомобилсозӣ
Тракторсозӣ
Истеҳсоли мошинҳои х/к
Химия
Истеҳсоли маҳсулоти нефть
Истеҳсоли нурҳои минералӣ
Истеҳсоли ашёҳои сунъӣ ва синтетикӣ
Истеҳсоли масолеҳи биноҳо
Шиша
Чӯбҳои ва коғаз
Сабук
Марму пойафзол
Хӯроквории
Сохаҳои гуногун
Эзоҳ. Ҳаҷми нуқтаҳои саноатӣ мувофиқи шумораи аҳолиашон нишон дода шудааст
ХОҲАГИИ КИШЛОҚ
Қатъонкорӣ ва чорводорӣ барои ширу гӯшт
Чорводорӣ барои ширу гӯшт
Чорводорӣ барои ширу гӯшт ва парранда
Чорводорӣ барои гӯшту шир ва ҷигирҳо
Хоҷагии наҳиявӣ
Эзоҳ. Истеҳсоли ҳаллаю картошка ва ҷуворимакҳо ва чорводорӣ дар ҳамаи ноҳияҳо маҳсулгардонидашуда ба сохаи асосии дохил мешавад
Ноҳияҳое, ки маҳаллаи саҳроҳо бештар ривоҷ ёфтааст
Боғҳо
Кишти ҳанҷонаи
Бешаҳо
ИСТЕҲСОЛИ САРВАТҲОИ ЗЕРЗАМИНӢ
нефть
торф
намакҳои калий
Чашмаҳои минералӣ
СТАНСИЯҲОИ ЭЛЕКТРИКӢ ОЛАВӢ (дар кВт)
аз 1000
аз 500 то 1000
аз 100 то 500
то 100
Нефтепроводҳо
Газопроводҳо
Дарёҳои киштигарӣ
Бандаргоҳи дарёӣ
МАСШТАБ 1:3 500 000
0 35 70 105 140 км
Дар фабрикаи №4 СУГК с. 1977 таҳрир ва нашр карда шуд
Полоцк
Витебск
Орша
Могилев
Минск
Гродно
Лида
Брест
Пинск
Гомель
Мозырь
Речица
Бобруйск
Борисов
Солигорск
Слуцк
Барановичи
Молодечно
Новополоцк
Лепель
Лукомль
Новогрудок
Мосты
Волковыск
Слоним
Пружаны
Ивацевичи
Кобрин
Жабинка
Высокое
Малорита
Ковель
Сарны
Овруч
Житковичи
Калинковичи
Мозырь
Хойники
Василевичи
Светлогорск
Жлобин
Рогачев
Кричев
Климовичи
Костюковичи
Унеча
Рославль
Мстиславль
Шклов
Горки
Лиозно
Витебск
Городок
Браслав
Поставы
Глубокое
Дзержинск
Столбцы
Марьина Горка
Червень
Осиповичи
Татарка
Глуша
Редкое
Несвиж
Колпеница
Березовка
Шучин
Скидель
Вертелишки
Россь
Белосток
Волковыск
Ошмяны
Березинское
Молодечно
Залесье
Воложин
Жодино
Смолевичи
Уяжа
Борисов
Толочин
Чашники
Богушевск
Лепель
Лукомль
Усвяж-Бук
Белыничи
Быхов
Славгород
Корма
Краснополье
Белыничи
Костюковичи
Ветка
Добрушь
Речица
Калинковичи
Мозырь
Хойники
Василевичи
Лунинец
Микашевичи
Петриков
Давид-Городок
Червоное
Пинск
Брест
Малорита
Ковель
Сарны
Овруч
Житковичи
Гомель
Могилев
Витебск
Орша
Полоцк
Минск
Гродно
Брест
Пинск
Гомель
Мозырь
Житковичи
Овруч
Сарны
Ковель
Малорита
Высокое
Жабинка
Кобрин
Пружаны
Ивацевичи
Березовка
Шучин
Скидель
Вертелишки
Мосты
Волковыск
Слоним
Барановичи
Слуцк
Солигорск
Старобин
Несвиж
Колпеница
Новогрудок
Столбцы
Марьина Горка
Червень
Осиповичи
Татарка
Глуша
Редкое
Бобруйск
Рогачев
Жлобин
Лиозно
Витебск
Городок
Браслав
Поставы
Глубокое
Лепель
Лукомль
Усвяж-Бук
Толочин
Чашники
Богушевск
Шклов
Горки
Могилев
Белыничи
Быхов
Славгород
Корма
Краснополье
Кричев
Климовичи
Костюковичи
Унеча
Рославль
Мстиславль
Ветка
Добрушь
Речица
Калинковичи
Мозырь
Хойники
Василевичи
Светлогорск
Жлобин
Рогачев

Г. Пукст, Ю. Семеняко, М. Крошнер, В. Золотарёв, Е. Глебов, Г. Вагнер саҳми арзанда гузоштанд. Н. Чуркин, Н. Соколовский, В. Словников, Д. Каминский, П. Подковыров ва диг. бастакорони номиянд.

Театр ва кино. Санъати театрии Б. аз маросиму бозиҳои қадими халқӣ оғоз ёфтааст. Аз а. 16 дар Б. театри халқӣ — театри зочаи «батлейка» вуҷуд дорад, ки дар саҳнаи он доир ба танқиди расму оини динӣ пьесаҳо ва доир ба ҳаёти аъёну ашроф интермедияҳои ҳаҷвӣ гузошта мешуданд. Дар а. 18 театрҳои крепостной ташкил шуда, драмаи халқӣ ба вуҷуд омад.

Аввалин театри нимкасбиро дар Б. драматург В. И. Дунин-Марцинкевич дар миёнаи а. 19 ташкил кард. Актёр ва режиссёр И. Т. Буйницкий с. 1907 дар асоси кружокҳои ҳаваскорон нахустин театри касбии белорусро барпо намуд. Дар ташаккули театри халқии белорус асарҳои драматургии Я. Купала ва Я. Колас роли калон бозиданд. Санъати миллии белорус, аз ҷумла театр, баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь гул-гул шукуфт. С. 1920 дар Минск якумин Театри давлатии драмавии Б. (аз с. 1945 ба номи Я. Купала) ташкил шуд. С. 1926 дар Витебск дуюмин Театри давлатии драмавии Б. (аз с. 1945 ба номи Я. Колас) ташкил ёфт. Аз с. 1920 дар Б. театри сайёр вуҷуд дошт, ки ба он актёр ва драматург В. И. Голубок роҳбарӣ мекард, 1932 ба он номи Театри сеюми драмавии Б. (Гомель) дода шуд. С-ҳои 30 дар Заславль, Гомель, Борисов, Полоцк, Рогачёв, Речица, Дзержинск, Слуцк, Лепель, Мозырь ва Бобруйск театрҳои колхозию совхозӣ ба вуҷуд омаданд. С. 1928 Театри давлатии драмавии русии РССБ ташкил ёфт. С-ҳои 40 ва 50-ум дар Брест, Гродно, Могилёв, Гомель театрҳои вилоятӣ ба вуҷуд омаданд.

Аввалин киносюжетҳои хроникию ҳуҷҷатӣ дар Б. с-ҳои 1919—20 ба навор гирифта шуданд. С. 1924 дар Ленинград кинотаҷкилоти Белгоскино, 1928 киностудияи «Советская Белоруссия» (аз с. 1939 дар Минск аст) ташкил ёфта, 1946 «Беларусьфильм» ном гирифт. Аз с. 1925 истеҳсоли фильмҳои ҳуҷҷатӣ оғоз шуд. С. 1926 нахустин фильми бадеӣ «Вокеаи беша» (режиссёр Ю. Тарич) ба экран баромад. Фильмҳои бадеӣ, аз ҷумла «Кастусь Калиновский» (1928, режиссёр В. Гардин), «Взводи якум» ва «Ҷӯяндагони бахт» (1933, 1936, режиссёр В. Корш-Саблин), «Поручик Киже» (1934, режиссёр А. М. Файнциммер), «Умри дубора» (1934, режиссёр Э. Аршанский), «Ёздаҳуми июль» (1938, режиссёр Ю. Тарич) ба вуҷуд омаданд; фильмҳои давраи баъди ҷанг — «Константин Заслонов» (1949, режиссёрон Корш-Саблин ва Файнциммер), «Баргҳои сурх» (1958, режиссёр Корш-Саблин), «Ҳамсояго-ни мо» (1957, режиссёр С. И. Сплошнов), «Соат нисфи шаб бозистод» (1959, режиссёр Н. Фигуровский), «Духтарак падарашро меҷуяд» (1959, режиссёр Л. В. Голуб), «Шаҳри ҳунармандон» (1965, режиссёр В. Бычков), «Москва — Генуя» (1964, режиссёр А. Спешнев бо иштироки Корш-Саблин ва Н. Арманд) ва г. ба навор гирифта шуданд. Кинорежиссёрон Ю. Тарич, В. Корш-Саблин, Э. Аршанский, Л. Голуб, В. Туров, Б. Степанов ва диг. ходимони намоёни кинои белорус мебошанд.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 448—449.

Харитаро ниг. дар саҳ. 416—417.

Ад.: Кравченко И. С., Марченко И. Е., Белорусская ССР, М., 1959; Кравченко И. С. и Залесский А. И., Белорусский народ в годы Великой Отечественной войны, Минск, 1959; История Белорусской ССР, т. 1—2, изд. 2, Минск, 1961; Непокоренная Белоруссия, М., 1963; Нефед В., Становление белорусского советского театра (1917—41), Минск, 1965; Очерки истории Коммунистической партии Белоруссии, ч. I (1883—1920), 2 изд., ч. 2 (1917—67), (1921—1966), Минск, 1967—1968; Экономика Советской Белоруссии, Минск, 1967; Нисневич И., Нисневич С., Очерки по истории советской белорусской музыкальной культуры, 2 изд., Л., 1969; История белорусского кино, т. 1—2, Минск, 1969—70.

И. П. Ховратович, А. Л. Петрошкевич.

БЕЛОРУСҲО (худ беларус ҷӯянд), миллат, аҳолии асосии РССБ. Ба славянҳои шарқӣ мансубанд. Ба *забони белорусӣ* гап мезананд. Инчунин дар вил.-ҳои ғарбии РСФСР, РСС Литва, РСС Латвия, РССУ, РСС Қаз. ва Сибирь зиндагӣ мекунанд. Дар СССР 9052 ҳаз. (1970). Дар Польша ва мамлакатҳои Америкаи Шимолӣ низ Б. ҳастанд. Диндорон пайрави дини насрони (православ), дар районҳои шим. ғарбӣ католик ва униатҳо низ ҳастанд.

Асоси этникии Б.-ро қабилаҳои славянҳои шарқии дреговичҳо, кривичҳои ҷан. ғарбӣ, радимичҳо ва қисман древлянҳои ҳамсояи северянҳо ва волынҳо ташкил мекарданд. Аҷдоди Б. и славяни шарқӣ қисман бо қабилаҳои леттолитвони омеҳта шуданд. Дар а. 9 қабилаҳои славянҳои шарқӣ, ки дар ҳудуди Белоруссияи ҳозира сокин буданд, ҳамроҳи қабилаҳои қадимаи славянҳои шарқӣ дар ҳайати Руси Киев меистанд. Дар муборизаи барои истиқлолият дар а. 16 ташаккули халқияти белорус ба охир расид. Дар шароити капитализм ва муттаҳидшавии вилоятҳои Белоруссия миллати белорус ташаккул ёфт.

Баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь дар рафти сохтмони социализм Б. ба миллати мутараққии социалисти мубаддал гардид. Маданияти миллии Б. дар солҳои Ҳокимияти Советӣ ба авҷи тараққиёт расид. Рӯҷеъ ба таъриҳ, ҳоҷаги, маданияти Б. ниг. *Белоруссия, РСС.*

Ад.: История БССР, 2 изд., т. 1—2, Минск, 1961; Народы Европейской части СССР, т. 1, М., 1964.

БЕЛОСТОК, Бялысток (Białystok), шаҳр дар шим. шарқии Польша, дар соҳ. д. Біла. Маркази маъмурии воеводаи Белосток. Узели р. о. Аҳол. 165 ҳаз. наф. (1970). Соҳаҳои саноат: мошинсозӣ, чубгарӣ, ҳуруквори, кулолӣ. Б. ҳамчун маркази саноати бофандагӣ (асосан пашмина) машҳур аст. Ин-ти тиббӣ ва мактаби шабонаи инженерӣ дорад.

БЕЛУҲОҲО (Pinnipedia), як гурӯҳи ширхӯрони обӣ, ки 3 оила — *морж*, тюленӣ ҷуҳдор ва тюленӣ мукаррариро дарбар мегиранд (ниг. *Тюлень*). Аломати зоҳирии Б.: бадани дукшакл (ғайр аз ҷурбаи обӣ), пашми кутоҳи бетибити ҷилодор, думи кутоҳ, дастҳои панҷа панҷаи белшакл, ки панҷаҳояш пайвастаанд ё бо парда васл шудаанд. Пусти Б. ғадуди арақ ва чарбу (то 8 см) дорад. Дандони Б. аз 18 (дар морж) то 38 то (дар тюленӣ ҷуҳдор) буда, дандони ашкашои наҳл тараққи кардааст. Мушаккаҳои ҳоиши Б. қобилияти ҳоидаро гум кардаанд ва аз ин сабаб Б. ғизоро нахоида фуру мебаранд. Б. дар об серҳаракату дар хушкӣ даванд мебошанд. Бештар дар об листа, ҳангоми нафастирӣ, зоидан, ширмакӣ, тулак ва дамгирӣ ба соҳил ё руи ях мебароянд. Б. то 43 сол умр мебинанд. Б. и мода аз 3 солаги (мас., тюленӣ, ва ҷурбаи обӣ) то 6 солаги (морж) ва Б. и нар нисбат ба Б. и мода як сол дертар ба балоғат мерасанд. Б. як ё 2-то мезоянд.

Б. моҳӣ, харчангшаклҳо, парма-данҳо ва ғ.-ро меҳуранд. Б. асосан дар баҳрҳои ҳунук ва мулоими Нимкураи шимолӣ ва ҷанубӣ паҳн шудаанд. Баъзе намудҳои Б. дар обанборҳо ҳаёт мебаранд. Б. аҳамияти саноатӣ ва хоҷагӣ доранд.

Саравлоди Б. эҳтимол дарранда-гони ҳушкиҷард (гурӯҳи хирсу саворҳ) будаанд, ки дар эоцени болоӣ ва миёна ба ҳаёти обӣ ғӯҳ зиндаанд. Нишонаҳои тюленӣ ҷуҳдорро дар соҳилҳои қисми шимолии уқ. Ором (ШМА) ва моржу тюленӣ мукаррариро дар соҳили шимолии уқ. Атлантика (Европа ва ШМА) пайдо кардаанд.

БЕЛФАСТ (Belfast), шаҳри графӣ, маркази сиёсӣ ва иқтисодии Ирландияи Шимолӣ. Бандари калон дар соҳили ғ. Шимолӣ, дар наздиҳои ҳ. Лаган ба ҳал. Белфаст. Лоҳ. Оиро узели р. о. ва канал бо диг. районҳо мепайвандад. Аэропорт ҳ. Аҳол. 381,7 ҳаз. наф. (1966). Дар Б. кортоҳои иқтисодиёти электротехника, мошинсозӣ, самолётсозӣ, нахтасозӣ, матоъ пашмӣ, колинбафӣ, нахи сунъӣ, ҳинчунин ҳуруквори ва тамоку мавҷуданд. Б. ун-т (1845), коллеҷи технологӣ ва ҳифзистон ҳ. Бунёдаш оғоз а. 12

БЕЛЧАКОРД, ярмо аз сангҳо ҳамвор, ки дар оғози давраи палеолит пайдо шуда, дар давраҳои мезолит ва неолит ва асри биринҷӣ низ вуҷуд дошт. Аз сарои ворҳои сангҳо ҳаҳ, баъзан му-

даввар, ки тарафи тезаш камоншакл буд. Б.-ро барои тарошидани пӯст, чӯб, устухон, шох кор мефармуданд. Дар қароргоҳҳои *асри санг* бисьёр ёфт шудааст.

БЕЛЬГИЯ, Подшоҳии Бельгия (Koninkrijk van België, Royaume de Belgique), давлат дар Европаи Ғарбӣ, бо Франция, Нидерланд, РФГ ва Люксембург ҳамсарҳад аст. Аз Шим. Ғ. Б.-ро Баҳри Шимолӣ иҳота кардааст. Масоҳ. 30,5 ҳаз. км². Аҳол. 9823 ҳаз. наф. (1976). Пойтахташ—ш. Брюссель. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 9 музофот тақсим мешавад.

Сохти давлатӣ. Б. монархияи конституционист. Конституцияи ҷории он с. 1831 қабул шудааст. Сардори давлат подшоҳ мебошад. Ҳокимияти қонунбарор — парламент, ки он аз ду палата: палати намояндагон ва сенат иборат буда, ҳар ду ҳуқуқи баробар доранд. Ҳокимияти иҷроия дар ихтиёри ҳукумат аст ва он расман дар пазди парламент ҷавобгар мебошад.

Системаи судӣ аз суди кассационӣ ва суди апелляционӣ иборат аст.

Табиат. Қисми зиёди сатҳи мамлакат ҳамворист (баландиаш аз 80 то 180 м аз с. б.), ҷо-ҷо теппаҳо дорад. Баъзе қитъаҳо аз сатҳи баҳр пастанд, бинобар он барои пешгирии обхезӣ оббандҳо сохтаанд. Баландтарин нохияи Б. кӯҳҳои Арденн (баландиаш то 694 м). Б. аз ангиштсанг бой буда, конҳои начандон калони сурб, рух, мис, сурма ва ғ. дорад. Захираи санги бинокорӣ (санги хоро, регсанг, мармар ва ғ.) зиёд аст. Иқлимаш мӯътадил ва сернам, тез-тез шамол вазида туман мешавад. Ҳарор. миёнаи янв. дар районҳои соҳилӣ 3° С, дар районҳои марказӣ тақр. 0°С,

Намуди Антверпен аз соҳили д. Шельда.

1228

Кӯҳҳои Арденн.

дар кӯҳҳои Арденн —1°С. Июль — мувофиқан аз 18°—19°С то 14°С. Боришоти солона аз 700—900 мм то 1500 мм. Д-ҳои Маас, Шельда ва Изер сероб, ях намебанданд. Ландшафти қисми зиёди Б. сунъӣ, хокаш бештар ҷангалӣ ва хокистарранг аст. Беша (булут, шамшод, граб ва ғ.) қариб 18%-и масоҳати Б.-ро ташкил медиҳад. Дар ҷангалҳо оҳу, бузи кӯҳӣ, гуроз, гурбаи ҷангалӣ, савсор, харгӯш ва ғ. вомехӯранд. Олами паррандагон гуногун, аз ҷумла паррандаҳои шикорбоб (тазарв, кабк ва ғ.) ҳаст.

Аҳолӣ. Аҳолии Б. аз фламандҳо (зиёда аз 56%) ва валлонҳо (қариб 40%) иборат аст. Немисҳо, яҳудиён, италиявиҳо, франсавиҳо ва нидерландҳо низ зиндагӣ мекунанд. Валлонҳо ба забони франсавӣ гап мезананд. Забонҳои давлатӣ — фламандӣ ва франсавӣ. Аксари сокинони Б. католик буда, як қисми хурдашон пайрави протестантизм мебошанд. Б. аз ҷиҳати зичии аҳолӣ дар дунёё яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд (дар 1 км² 318 наф.). Зиёда аз 60%-и аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад. Ш-ҳои калон: Брюссель (аҳолиаш 1042 ҳаз наф.), Антверпен, Гент, Льеж.

Очерки таърихӣ. Белгҳо ном қабилаи кельтҳо қариб 300 сол пеш аз м. дар хоки Б. маскан гирифта буданд ва номи аввалини мамлакат Белгика аз ҳамон аст. С. 57 то м. Б.-ро Юлий Цезарь забт карда, онро яке аз музофотҳои дурдасти давлати ғуломдории Рим гардонд. Дар а-ҳои 3—5 м. ба хоки Б. франкҳо ном қабилаҳои германӣ кӯчида омаданд. Хоки Б. а-ҳои 5—9 ба ҳайати давлати Франкҳо (445—843) дохил буд. Баробари таназзули давлати Франкҳо дар қисми ғарбӣ графии Фландрия, дар қисми шарқӣ герцогии Лотарингия ташкил шуд. Б. охири а-ҳои 14—15 ба ҳайати давлати Бургундия дохил шуд. Пас аз таназзули давлати Бургундия дар Б. сулолаи Габсбургҳо (1477—82) пойдор гардид. Дар аҳди императори «Империяи Рими муқаддас» ва подшоҳи Испания Карли V Б. қисми таркибии империя гардид, баъди пароканда шудани он Б. ба давлати Испания дохил шуд. Дар ин давра терр. Б. ба иттиҳоди заминҳое дохил мешуд, ки аз 17 музофот иборат буда, Нидерланд ном дошт. Рев. буржуазии а. 16 дар Нидерланд ба ҳукмронии Испания хотима дод. Аммо қувваҳои реакцияи феодалии католикӣ бо Испания як шуда, ба ҳуҷум гузаштанд, ки ба он сиёсати Вильгельми I Оранский, ки ҳаракати демократиро бераҳмона пахш кард, низ ёрӣ расонд. С. 1585 қӯшунҳои Испания Фландрия ва Брабантро ишғол намуда, дар он ҷо ҳукмронии Испания ва католицизмро барқарор карданд. Тараққиёти сиёсӣ ва иқтисодии Нидерланди Шимолӣ (республикаи Голландия) ва Ҷанубӣ (терр Б.) ба роҳҳои гуногун дохил шуд. Дар натиҷаи ҷанге, ки барои мероси Испания сар зад (1701—14), Нидерланди Испания аз Испания ба Австрия гузашт. Баъди бар австриягиҳо ғалаба кардани қӯшунҳои Франция с. 1794 музофотҳои Б. ба Франция ҳамроҳ шуданд (сулҳи Кампоформио, 1797). С. 1815 дар наздикии Ватерлоо (дар қарибиҳои Брюссель)

Брюссель. Маҳаллаҳои атрофи Майдони Калон.

армияи Наполеони I бори охирин бо қӯшунҳои иттифоқчиён ба ҷанг даромад. Баъди сарнагун шудани империяи Наполеон мувофиқи қарори Конгресси Вена (1814—15) музофотҳои Б. якҷоя бо Голландия ба давлати ягонаи Нидерланд муттаҳид шуданд.

Маҳдуд кардани манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии музофотҳои Б. дар давлати нав боиси авҷ гирифтани ҳаракати миллии озодихоҳӣ гардид. Дар зери таъсири Рев. июли 1830 Франция дар музофотҳои Б. революция ба амал омад, ки он ба истиқлолияти мамлакат ибтидо гузошт. Окт. 1830 ҳукумати муваққатӣ ташкил шуд ва Б.-ро мустақил эълон намуд. Конгресси миллӣ, ки 22 нояб. ҳамон сол даъват карда шуд, дар бораи дар Б. ташкил намудани монархияи конституционӣ қарор қабул кард. 20 дек. 1830 Конференцияи лондонии панҷ давлати бузург соҳибихтиёрии Б.-ро эътироф намуд ва янв. 1831 бетарафии абадии онро эълон кард. Дар миёнаҳои а. 19 саноати Б. бағоят тараққӣ кард. Дар ин давра дар Б. аввалин ташкилотҳои коргарӣ («Ҷамъияти бародарии бофандагон» ва ғ.) пайдо шуданд. С. 1879 Партияи социалистии Б. таъсис ёфта, апр. 1885 дар асоси он Партияи коргарии Бельгия ташкил шуд ва аз с. 1945 Партияи социалистии Бельгия ном гирифт. Охирҳои а. 19 — аввали а. 20

1229 1230

дар Б. империализм ба худ шакли муайян гирифт. С. 1908 Конго расман мустамликаи Б. шуд. Дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ Б.-ро армияи немисҳо истило кард. Дар айни замон қӯшунҳои Б. якҷоя бо қисмҳои мустамликавии Британияи Кабир ва Франция барои ба даст даровардани мулкҳои дар Африка будаи Германия иштирок намуд. Баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ авҷи тавонои ҳаракати революционӣ империализми Б.-ро ба ларза овард. С-ҳои 1919—20 гурӯҳҳои коммунистии Фламандия ва Валлония ба вуҷуд омаданд, баъдтар аз ин гурӯҳҳо Партияи Коммунистии Бельгия (ПКБ) ташкил шуд. С. 1921 Иттифоқи иқтисодии Бельгияю Люксембург ташкил ёфт. 12 июли 1935 дар байни Б. ва СССР муносибатҳои дипломатӣ муқаррар гардиданд. 10 мои 1940 армияи фашистони немис бетарафии Б.-ро поймол карда, ба ҳоки он зада даромад. Халқи Б. тайёр буд, ки ба таҷовузкорон бо қатъият муқобилат нишон диҳад, аммо шоҳ Леопольд 28 мои 1940 ба ҳуҷҷати таслимшавӣ имзо гузошт. Фашистон ҳамаи ташкилотҳои демократии Б.-ро пароканда карданд. Ягона партияи сиёсие, ки ба қувваҳои ватандӯсти Б. сардорӣ намуда, Ҳаракати Муқобилатро васеъ ба роҳ монд, ПКБ буд. Отрядҳои мусаллаҳи Ҳаракати Муқобилат (с-ҳои 1943—44 шумораи онҳо зиёда аз 50 ҳаз. наф. буд) якҷоя бо аҳолӣ шӯриш бардошт, сент. 1944 як қисми Б. аз фашистонро истилогар озод карда шуд. Қисми боқимондаи онро қӯшунҳои америкоию англиси сент. 1944 озод намуданд. Аммо ҳукумат нояб. 1944 ба муқобили қувваҳои демократӣ муборизаро сар карда, дар бораи беяроқ гардондани иштирокчиёни Ҳаракати Муқобилат фармон баровард. Моҳи дек. 1944 дар терр. Б. дар Ардени яке аз муҳорибаҳои калонтарин дар фронти ғарбӣ ба амал омад; ба туфайли ҳуҷуми қатъии қӯшунҳои совети қӯшунҳои ШМА ва Англия дар ин муҳоربа аз шикаст наҷот ёфтанд. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ доираҳои ҳукмрони Б. дар вазъияти шиддат ёфтани муборизаи миллии озодихоҳи дар Африка маҷбур шуданд, ки ба мустамликаҳои худ—Конгои Бельгия (1960) ва Руанда-Урунди (1962) истиқлолият диҳанд.

Б. аз с. 1945 аъзои ТДМ мебошад. Б. с. 1949 ба пакти Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) дохил шуд. Б. иштирокчии муҳимтарин ташкилотҳои байналхалқии давлати-монополистии Иттиҳодияи европоии ангишт ва пӯлод (аз с. 1951), Бозори умумӣ (аз с. 1957), Иттифоқи иқтисодии Бенилюкс (аз с. 1960) ва г. мебошад. Солҳои охир муносибатҳои Б. ва СССР хеле вусъат ёфтанд. Дар байни СССР ва Б. с. 1956 доир ба ҳамкории маданӣ, 1958 алоқаи ҳаво, 1969 ҳамкории иқтисодӣ ва илмию техникӣ, 1971 ҳамкории тиҷоратӣ, 1972 конвенцияи консулӣ ва бахрӣ, 1973 доир ба рафтуомади байналхалқии автомобилӣ, 1974 доир ба ивкиштофи ҳамкории иқтисодӣ, саноатӣ, илмию техникӣ ва г. шартномаҳо ба имзо расиданд.

Партияҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба. Партияи социал-христианӣ, с. 1945 дар асоси партияи католикӣ, ки аз с. 1830 вуҷуд дошт, таъсис ёфта, намояндаҳои буржуазияи калон, заминдорон ва руҳониёнро дарбар мегирад. Партияи социалистии Бельгия, с. 1885 таъсис ёфта, як қисми буржуазияи майда ва қисми зиёди меҳнаткашонро муттаҳид мекунад ва ба Интернационали социалисти дохил аст. Партияи озодӣ ва прогресс то с. 1961 Партияи либералӣ; с-ҳои 30-юми а. 19 таъсис ёфта буд, намояндагони буржуазия ва интеллигенцияро муттаҳид кардааст. Иттифоқи халқ, с. 1954 дар асоси ташкилотҳои миллатпарасти Фландрия таъсис ёфтааст. Партияи Коммунистии Бельгия (ПКБ) с. 1921 таъсис ёфтааст. Федерацияи умумии меҳнати Б., аз с. 1898 вуҷуд дорад. Конфедерацияи иттифоқҳои касабаи христианӣ, с. 1908, Конфедерацияи иттифоқҳои касабаи либералии Б., с. 1930 таъсис ёфтаанд. Иттифоқи коммунистии ҷавонони Б. аз с. 1957 вуҷуд дорад.

Хоҷагӣ. Б. яке аз мамлакати муттараккии индустриалии ҷаҳони капиталистист. Соҳаҳои асосии хоҷагии он монополия карда шудаанд. Капитали хориҷӣ (асосан капитали америкоӣ, Германияи Ғарбӣ ва Франция) роли калон мебозад. Қариб 40%-и тамоми маҳсулоти саноат ба бозори берунӣ меравад. Саноати ангишт, металлургия, мошинсозӣ, химия, истеҳсоли маҳсулоти нефть пеш рафта, саноати атом рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Корхонаҳои металлургии асосан дар ноҳияи ҳавзаҳои ангишти ҷанубӣ воҳеъ гардидаанд. Металлҳои рангаи — мис, рӯҳ ва сурб аз маъдани импортӣ гудохта мешаванд. Электротехника ва электроника, нақлиёт, истеҳсоли таҷҳизоти кӯҳкорӣ, бофандагӣ ривоҷ ёфтааст. Саноати химия маҳсулоти гуногун (сода, кислота, нурӣ, пластмасса, нахи сунъӣ ва г.) мебарорад. Бофандагӣ соҳаи қадимии саноат буда, Фландрия маркази он мебошад. Саноати дӯзандагӣ, трикотаж, чарму пойафзол, тараққӣ кардааст ва г.

Х. к. сармаҳсул бошад ҳам, дар иқтисодиёти мамлакат роли калон на мебозад, он 6% и даромади миллиро ташкил медиҳад. Замини х. к. зиёда аз ½ масоҳати Б.-ро ишғол мекунад, ки он 51% марғзору чарогоҳ ва 49% кишталор аст. Аз ҳалла ҳандум, ҷав ва сулӣ, аз зироатҳои техникӣ лаблабуӣ ҳанд ва г. мекоранд. Кишти зироати хуроки чорво, сабзавоткорӣ ва боғдорӣ тараққӣ кардааст. Соҳаи асосии х. к. парвариши чорвои ширдеҳ мебошад (⅔ арзиши тамоми маҳсулоти х. к.). Дар мамлакат 2974 ҳаз. сар гов буд (1977). Мурғпарвари низ тараққӣ кардааст. Б. аз ҷиҳати ҳаҷми р. о. дар дунёи ҷои якумро мегирад. Тӯли р. о. 44 ҳаз. км (1973), роҳ-



ҳои шоссе 10,5 ҳаз. км. Д.-ҳои Шельда, Маас ва каналҳо киштигарданд. Бандарҳои баҳрӣ: Антверпен, Инт ва Остенде. Нақлиёти ҳавоӣ низ тараққӣ кардааст. Молҳои асосии экспорт: прокати металлҳои сиёҳ ва ранга, таҷҳизоти саноатӣ, маҳсулоти бофандагӣ ва химиявӣ. Б. аз хорича асосан ашьёи хоми саноат ва энергетика, хӯрокворӣ ва хӯроки чорво меорад. Бештар бо Нидерланд, РФГ, Франция, Британияи Кабир ва ШМА савдо мекунад. Воҳиди пул франки Б. (100 франки Б.= 2 сӯму 11 тин; фев. 1978).

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1972 ба ҳар 1000 наф. аҳолӣ ба ҳисоби миёна 43,8 таваллуд, 12,0 фавт ва ба 1000 кӯдаки навзод 19 фавт рост омад. С. 1971 дар Б. 454 беморхонаи дорои 80312 кат (8,3 кат ба 1000 наф.), аз ҷумла 146 беморхонаи давлатии дорои 27815 кат мавҷуд буд. С. 1972 дар мамлакат 15500 духтур (1 духтур ба 630 наф.), 6856 фармацевт, 3333 момодоя кор мекард. С. 1971 ба аҳолӣ 1640 духтури дандон ва 285 стоматолог хизмат мерасонд.

Маориф. Якумин мактабҳо дар Б. дар аввалҳои асрҳои миёна ба вуҷуд омадаанд. Охири а. 18 мактабҳои хусусӣ пайдо шуданд. Аз с. 1914 қонуни таълими ҳатмии умумии бепули кӯдакони 6—14-сола ҷорӣ гардидааст. Таълим дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна ба забони модарӣ — фламандӣ ва франсавӣ мегузарад. Дар Б. мактабҳои католикии давлатӣ ва хусусӣ низ ҳастанд. Звенои ибтидоии системаи маорифи халқ аз муассисаҳои томактабии кӯдакони 3—6-сола иборат мебошад. Мактабҳои ибтидоию миёна ва касбию техникӣ 6-солаанд. Б. 21 мактаби олӣ, аз ҷумла 6 ун-т дорад.

Калонтарин китобхонаҳо: Китобхонаи миллии Б. дар Брюссель (1837), китобхонаҳои ун-тҳо (Брюссель, Гент, Льеж ва Лувен). Музейҳо: Музеи подшоҳии санъати нафиса дар Антверпен (1890), Музейҳои подшоҳии санъат ва таърих дар Брюссель ва г.

Матбуот, радио ва телевизион. С. 1973 дар Б. 53 газетаи ҳаррӯза, зиёда аз 50 журналҳои ҳафтаина ва ҳармоҳа нашр мешуд. Муҳимтарин газетаҳо: «Суар» («Le Soir»), «Либр Бельжик» («La Libre Belgiquë»), «Стандарт» («De Standaard»), «Драпо руж» («Le Drapeau Roge») — органи ПКБ; «Роде Ваан» («De Rode Vaan») — газетаи ҳафтаинаи ПКБ. Радиошунавонӣ дар Б. с. 1924 ба вуҷуд омада телевизион аз с. 1953 кор мекунад. Ба онҳо Ин-ти миллии радио ва телевизион роҳбарӣ менамояд. Маркази радио ва телевизион дар Брюссель аст.

Адабиёт. Адабиёти халқи Б. асосан ба ду забон: франсавӣ ва фламандӣ инкишоф меёбад. Аввалин осори хаттӣ ба забони франсавӣ дар Б. ба с. 1200 тааллуқ дорад. Жанри асосии адабиёти асрҳои миёнаи Б. воқеаномаҳои таърихӣ, қиссаҳои эпикӣ дар бораи юрушҳои салибдорон мебошад. Аз а. 15 новелла тараққӣ кард («Сад новеллаи нав»-и А. де ла Саль). Аз миёнаҳои а. 18 дар адабиёт мавзӯъҳои маърифатпарварона ба вуҷуд омаданд (рисолаҳои К. Ф. де Нели ва г.). Рев. буржуазии Б. ба инкишофи реализм ва мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар адабиёт мусоидат кард (Т. Вёстенрад ва Э. Ваккен). Дар асари Ш. де Костер «Достони Уленшпигель» (1867), ки асари барҷастаи замонавӣ ба шумор меравад, нисбат ба католицизм ва мутлақият нафрати бепоён доштан, фош кардани сохти феодалӣ, бо шавқу ғайрати миллии озодихоҳона ва мазҳакаи халқӣ пайвастааст. С-ҳои 90 дар адабиёти Б. символизм паҳн гардид. Дар с-ҳои 20—30-юми а. 20 романи иҷтимоии Ф. Элленс характернок мебошад. Ашъори Р. Блик, Ж. Варен, Ш. Муас ва диг., ки дар давраи истилои гитлерӣ эҷод шудаанд, рӯҳияи зиддифашистӣ ва ватандӯстона дорад. Назми ҳозираи Б. гуногун ва хушобу ранг аст (М. Карем, Ж. Норж ва диг.).

Адабиёти фламандӣ то ибтидои а. 18 як қисми адабиёти нидерландӣ буд. Дар ин давра нависандагон И. Ҳардёйн, А. Пойртерс ва В. Огир зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Баробари дар Б. пойдор шудани маданияти франсавӣ маданияти миллии фламандӣ таназзул карда, анъанаҳои он дар фольклор ва нақлу ривоятҳо боқӣ монд. Бедоршавии ҳисси миллию демократӣ боиси ба вуҷуд омадани ҳаракати эҳьёи маданияти фламандӣ гардид. Шоир, муаррих ва филолог Я. Ф. Виллемс, ки ба ҳаракати эҳьёи маданияти миллӣ сардорӣ мекард, дар шеърҳои ватандӯстонаи худ («Ба бельгиявиён») гузаштаи қаҳрамононаи халқи фламандро васф кардааст. Дар нимаи 2 а. 19 барои эҷод намудани романи иҷтимоӣ саъю кӯшиш карда шуд (романҳои Д. Слекс, А. Бергман ва г.). Дар ибтидои а. 20 равияи декаданс (Х. Тейрлинк, К. ван де Вустейне) роли асосӣ бозид. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ пависандагони тараққипарвар (Л. П. Бон, М. Дейзе ва диг.) ба тарафдории сулҳ ва демократия асарҳо офариданд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Дар хоки Б. ёдгориҳои санъати кельтҳо (ҳазорсолаи 1 то м.), римиҳо (а. 1 то м.— а. 3 м.) ва германҳо (а-ҳои 3—4 м.) боқӣ монданд. Шаҳрҳои Б. дар асрҳои миёна маркази калони инкишофи маданияти нафиса гардиданд: а-ҳои 11—12 сабки романӣ, а-ҳои 13—14 сабки готӣ инкишоф ёфт. Дар як вақт дар Б. марказҳои асосии рассомии нидерландии давраи Эҳьёё ба вуҷуд омаданд (асосгузораш Ян ван Эйк). Санъати Б. баъди Рев. буржуазии Нидерланд (а. 16) ба мактаби мустақиле табдил ёфт ва то охири а. 18 мактаби фламандӣ номида мешуд. Дар санъати фламандии *бароккои* а. 17 намоишкорӣ ва ороиши бодабдаба бо анъанаҳои маданияти қадими нидерландӣ бо ҳам пайваста буданд. Ба санъати меъмории а. 17 шукӯҳи идона ва нақшу нигори ҳозиҳ хос аст. Рубенс ва пайрави ӯ А. Ван Дейк дар санъати рассомии а. 17 Фландрия роли калон бозиданд. Дар а. 18 дар санъати фламандҳо принципҳои классицизми Франция ва Австрия дохил шуд. Дар а. 19 санъати хоси Б. аввал дар шакли классицизм (меъмор Л. Руландт) ва баъдтар романтизм ташаккул ёфт. Охири а. 19 Б. ватани сабки «модерн» дар санъати меъморӣ гардид (Х. ван де Велде, В. Орта). Принципҳои меъмории ҳозира дар Б. баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ пойдор гардид (меъморон Х. ван Кейк, Р. Брам). Тӯрбофӣ, оҳангарию мисгарӣ ва кандакорӣ навъҳои машҳури эҷодиёти халқ мебошанд.

Ад.: Добрынин Б. Ф., Физическая география Западной Европы, М., 1948; Чистозвонов А. Н., Нидерландская буржуазная революция, М., 1958; Фромантен Э., Старые мастера, М., 1966; Андреев Л. Г., Сто лет бельгийской литературы, М., 1967; Соловьёва Л. И., Положение и борьба рабочего класса Бельгии, 1958—68 гг., М., 1969; Седова Т. А., Художественные музеи Бельгии, М., 1973.

БЕ́ЛЬЦЫ, шаҳр дар РСС Молд., дар соҳили д. Реут (ҳавзаи д. Днестр). Маркази калони саноат ва маданияти шимоли Молдавия. Узели р. о. ва шоссе. Аҳол. 123 ҳаз. наф. (1977). Саноати хӯрокворӣ (комб-ҳои равған, гӯшт, з-дҳои ҷуворимаккатозакунӣ, вино, коньяк), мошину асбобсозӣ (з-дҳои мошинҳои х. қ., электротехникӣ), масолеҳи бинокорӣ (з-дҳои маснуоти оҳану бетонӣ, хонасозии калонпанель) ривоҷ ёфтааст. Ф-каҳои дӯзандагӣ ва мебель низ мавҷуданд. Ин-ти педагогӣ, техникуми политехникӣ, омӯзишгоҳи тиббӣ, театри драмаи русӣ, музеи таърихию кишваршиносӣ дорад. Буньёди Б. а. 15, аз с. 1818 — шаҳр.

БЕЛЯЕВ Виктор Михайлович (б. 2. 1888, Нижне-Уральск — 16. 2. 1968, Москва), мусиқишиноси советӣ, доктори илми санъатшиносӣ (1944). Яке аз тарғиботчиёни мусиқии советӣ дар матбуоти ватанӣ ва хоричӣ. Дар консерваторияҳои Москва ва Ленинград аз назария ва таърихи мусиқӣ (с-ҳои 1938—60, проф. аз с. 1943) дарс медод. Бо палеография ва омӯзиши таърихи мусиқии халқҳои СССР, махсусан республикаҳои Осиёи Миёна ва Кавказ, инчунин шарқи хоричӣ машғул шудааст. Бо асарҳои машҳураш «Очерки таърихи мусиқии халқҳои СССР» (қ. I — Мероси мусиқии Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, М., 1962; қ. 2 — Мероси мусиқии Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон М., 1963), «Шарҳи мусиқӣ ба «Ри

солаи мусиқиї»-и Ҷомї» (Тошкент, 1959), муқаддимаи нашри 5-ҷилдаи «Шашмақом» (ҷ. I, М., 1950), «Мусиқии халқии афгон» (М., 1960), «Таснифҳои форсї» (М., 1964), «Санъати мусиқиї дар ҳудуди Ўзбекистон» (Тошкент, 1958) ва г. дар мусиқишиносии совети саҳми калон гузоштааст. С. 1973 барои тадқиқ ва таргиби мусиқии халқию классикии тоҷик — «Шашмақом» дар қатори санъаткорон Б. Файзуллоев, Ш. Соҳибов, Ф. Шаҳобов лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рудаки гардидааст. Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

А. Рачабов.

БЕЛЯЕВ Евгений Александрович (21. 2. 1895, Ржев—5. 9. 1964, Москва), шарқшиноси совети, мутахассиси таърихи ислом ва таърихи асрҳои миёнаи мамлакатҳои араб, доктори илми таърих (1962), проф. (1960), аъзои фахрии АФ Республикаи Миср Араб (1964). С. 1922 Ин-ти шарқшиносии Москваро тамом кардааст. Аз с. 1924 омӯзгори ҳамин ин-т ва Ин-ти ҳарбии забонҳои хориҷї, 1945—55 мудири кафедраи таърихи мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Наздики Ин-ти шарқшиносии Москва, баъд мудири кафедраи Ин-ти мунасибатҳои байналхалқї. Аз с. 1951 ходими калони илмии Ин-ти шарқшиносии АФ СССР. Б. дар кори тарбияи мутахассисони шарқшинос, муҳаққиқони ислом, атеизми илмї саҳми босазое гузоштааст.

Ас.: Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье, М., 1966.

БЕЛЯЕВ Павел Иванович (26. 6. 1925, деҳаи Челищевои вил. Вологда — 10. 1. 1970, Москва), лётчик-кайҳоннаварди СССР, полковник, Қаҳрамони Иттиҳоди Советї (1965), Қаҳрамони Меҳнати Социалистии РХБ, Қаҳрамони РХВ ва РХМ. Аъзои КПСС аз с. 1949. С. 1959 Академияи ҳарбии ҳавоии ба номи Ю. А. Гагаринро хатм намуд. Бо А. А. *Леонов* дар киштии кайҳонии *«Восход-2»* (ба сифати командири киштї) 18 марти 1965 атрофи Заминро 17 маротиба даврзада, 720 ҳаз. км масофаро тай намуд. С. 1965 дар Тоҷикистон меҳмон шуд. Бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх, медалҳо, ҳиҷдаҳ бо бисьёр ордену медалҳои давлатҳои хориҷа мукофотонида шудааст.

БЕЛЯКОВА Любовь Петровна (17. 9. 1887, деҳаи Трофимовои вил. Калинин — 10. 11. 1961, Душанбе), ҳокимшиноси совети, доктори илмҳои х. к. (1958), Ходими Ҳизматишондоди Илми РСС Тоҷ. (1957). Аъзои КПСС аз с. 1944. Баъди хатми семинарияи муаллимии ш. Тверь (1904) муаллими кард. С-ҳои 1906—08 уро барои дар байни деҳқонон таргиботи революционї бурданаш ҳабс намуданд ва то Рев. Октябрь дар таҳти назорати полиция буд. С-ҳои 1917—21 дар Центросоюзи Москва кор карда, 1921—24 Ин-ти х. к.-и Ленинградро хатм кард. Дар таҳти роҳбарии акад. Г. Д. Глинка дар соҳаи ҳокимшиноси тадқиқот гузаронида, доир ба биология, физика ва мелиорацияи хок чанд асар нашр намуд. С. 1937 ба Станцияи хоку мелиоративии ба номи И. Н. Антипов-Каратаеви Вахш омада, ояд ба роли моддаҳои органикї дар мелиорация ва обёрии водии Вахш тадқиқоте анҷом дод ва с. 1958 дисс. доктори химия карда, зиёда аз 40 асари илмї нашр намуд. Лауреати Мукофоти ба номи акад. В. В. Вильямс (1959). Б. бо ордени «Нишони Фахрї», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

Ас.: К вопросу о мерах борьбы с просадочными явлениями, Проблемы советского почвоведения, сб. ин-та им. В. В. Докучаева, т. 7, 1939; Исследование структуры почв, сообщ. 1 и 2, «Тр. ТФАН», т. 20, Сталинабад, 1949; О путях повышения плодородия орошаемых почв Южного Таджикистана, Сталинабад, 1957.

БЕЛЯНКИН Дмитрий Степанович (28. 8. 1876, деҳаи Ламанихаи губ. Вологда — 20. 6. 1953, Москва), минералог ва петрографи совети, асосгузоори петрографияи саҳроии техникї, акад. АФ СССР (аз 1943; аъзо-корр. аз 1933). Ин-ти Юрьевро хатм кардааст (1901). Аз с. 1920 проф. Ин-ти политехникии Петроград (Ленинград). Аз с. 1930 дар Ин-ти петрографии, сонї дар Ин-ти илмҳои геологии АФ СССР кор кард. Аз с. 1949 акад. котиби шуъбаи геология ва географии АФ СССР. Асарҳои Б. асосан ба масъалаҳои петрографияи умумї, назариявї ва техникї, инчунин ба минералогияи саҳроии техникї бахшида шудаанд. У тадқиқотҳои ҳидро дар Урал, Кавказ ва қисми Европоии СССР гузаронидааст. Дар байни онҳо тадқиқоти кӯҳои Ильменї макоми махсус доранд. Б. аввалин шуда дар Кавказ ҷинсҳои ҷавонї интрузивї (ба ном неоинтрузивҳо)-ро, ки бо онҳо конҳои маъдан алоқаманданд, дарёфт кард ва омӯхт. Ба шарафи у минералро белянкинит номидаанд. Лауреати Мукофоти ба номи А. П. Карпинский (1949). Бо 2 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медалҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Петрография технического камня, М., 1952; Избранные труды, т. 1—2, М., 1956—58.

БЕМАГНИТШАВӢ, баъди рафъи майдони магнитї кам шудани магнитшавии ферромагнит. Ниг. *Магнитокшаши.*

БЕМОРИИ БОТКИН, гепатити вирусї, ниг. *Гепатити вирусї.*

БЕМОРИИ ШУОҲ, беморие, ки аз радиацияи ионнок пайдо мешавад. Шуоҳоии берунї бошад, ба организм аз берун таъсир мерасад ва агар дохилї бошад, моддаи радиоактив (ниг. *Изотопҳо*) бо роҳҳои нафас ё ҳазмаи дар организм захира шуда, боиси аз шуоҳ осеб дидани организм мегардад. Осеби радиационї се навъ аст: шадид, нимшадид ва доимї. Дар аввали Б. ш. дард, ҳаҷандон аён буда, бехобиии дил, қай ва сарчархї сар шуда, дар хун курачаҳои сафед зиёд мешаванд. Дар марҳалаи дуюм (то ду ҳафта) таъсироти дар организм бавуҷудомада ҳис намешавад. Аммо бо ҳолати давраи сеюм нишонаи беморї равшан аён мешавад. Қай, исҳол, хунрезї аз пӯст, биниї, ворҳои дандон, бачадон ба амал омада, дар пардаҳои луобии ҳаҳои, руда ва ҳалқ захм пайдо мегардад, мурачаҳои сафеди хун кам мешаванд. Беморї одатан баъд аз 3—4 моҳ қатъ гардад ҳам, осори он боқї мемонад. Баъд аз 4—5 соли беморї шадид диг. беморихо (камхунии анемия, сафедхунї, ихтилоли ҳазми ҳаҳосул) сар мешаванд. Ҳолати баъзе аз ин беморихо марговар аст.

Шаклҳои нимшадид ва мулоими Б. ш. одатан ҳангоми дуру дароз шуоҳ задан пайдо мешаванд. Се зинаи Б. ш. (сабук, миёна, сахт) ро фарқ мекунанд. Нишонаи ҳоси Б. ш. ихтилоли функцияи хунофарии ва табоҳ шудани ҳуҷаи органикї аст. Марг дар зинаи сеюми Б. ш. ҳангоми тамомаи табоҳ шудани аъзои хунофарии беморро фаро мерасад.

Таъсири генетикии Б. ш., ки ҳангоми он таъсироти аз наслї ба наслї гузаранда ба вуҷуд меояд, ниҳоятан ҳатарнок мебошад. Табобати Б. ш. ҳеле душвор аст ва ба ҳалли он олимони тамоми дунёро ҳамчун бастаанд. Давоии табобати Б. ш. ҳарчанд.

БЕМОРИИ ҚАНД, ниг. *Диабет.*

БЕМОРИҲОИ АНГАЛИ беморихои одам, ҳайвонот ва растаниҳо, ки микро- ва макроорганизмҳои ангалии ба ҳайвонот ва вуҷуд меоранд. Б. а. и. растаниро замбуруғҳои паразит (мас., *ёҳ*, *ҳарбаҳо* ва *антракноз*), вирус (мас., *бурмашавии барг*), *бактерия* (*ҳаҳо*), *вирус* ва *ташаннуҳ* (*ҳаҳо*) мегирифтанд. Ба *ҳайвонҳо* *ҳаҳо*, *ҳаҳо*, *ҳаҳо*, *ҳаҳо*, *ҳаҳо*, *ҳаҳо* ва растаниҳо

тифи шикам ва ғ. барин Б. а.-и одам мавҷудоти соддатарин, кирмҳои паразит (ниг. *Гельминтоз*) ва бандпойҳо боис мешаванд. Ангезандаҳои Б. а. бештар паразити организми ҳайвонотанд. Баъзеашон барои ҳайвонот ва одам хосанд. Қисми зиёди ангезандаҳои Б. а. манбаи табиӣ доранд. Б. а.-ро бо муолиҷа ва пешгирии он рафъ мекунанд. Тадбирҳои пешгирии Б. а. бо донистани биологияи паразитҳо (цикли ҳаёт ва роҳҳои ба организм ворид шудани онҳо) имконпазир аст. Дар СССР дар натиҷаи тадбирҳои ҷиддӣ андешидан Б. а. пурра ё қариб тамоман барҳам дода шудаанд (варача, дракункулёз ва ғ.). Дар РСС Тоҷ. аввалин муассисаи муолиҷавии Б. а. Станцияи муолиҷаи варача буд, ки с. 1924 дар ш. Хуҷанд (Ленинобод) ташкил шуда буд. Тадқиқоти мунтазам ва муолиҷаи Б. а. с. 1931 баъди таъсиси Ин-ти тропикӣ дар ш. Сталинобод (Душанбе) оғоз ёфтааст. С. 1954 рафъи варача ба зимма Станцияи санитарию эпидемиологии республикавӣ ва Ин-ти эпидемиология ва гигиенаи Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. гузошта шуд. Дар омӯзиш ва рафъи Б. а. дар республика Н. И. Латышев, Е. Н. Павловский, М. Н. Кошишян саҳми босазо гузоштанд. Ҳоло дар республика варача, лейшманиози пӯст ва спирохетози кана қариб барҳам хӯрдааст. Аз гельминтоз, эхинококкоз, лямблиоз, трихоцефалёз ва ғ. ба Б. а. гирифтор шудан торафт кам шуда истодааст.

Ад.: Павловский Е. Н., Животные паразиты и некоторые паразитарные болезни человека в Таджикистане, Л., 1928.

А. И. Шуренкова.

БЕМОРИҲО́И АСА́Б, маҷмӯи беморихои системаи асаб. Аломатҳои зоҳирии он вайрон шудани функцияи таҳрик (фалаҷ, шал шудани дасту по, рагкашӣ, лаҳва) ва функцияи системаи асаб, аз кор мондани яке аз узвҳои ҳиссиёт (дард, парешонҳолӣ), ихтилоли интеграция ва ғ. мебошад. Б. а. ҳангоми вайрон шудани таркиби моддаи ва функцияи системаи асаб ё нодуруст кор кардани қисмҳои алоҳидаи он пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, Б. а. ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: беморихои органикӣ ва функционали (вазифагӣ).

Беморихои органикии асаб дар натиҷаи таъсири зарарноки муҳити берунӣ (бактерияҳою вирусҳо, моддаҳои захрнок, таъсири номусоиди обу ҳаво, лат хӯрдани системаи асаб, паразитҳо — кичча ва кирми меъда ва ғ.) ба вуҷуд меоянд ва қисмаи ирсӣ мешаванд. Беморихои органикии ирсӣ ҳангоми бемории тухмҳои бордоркунандаи мард ё тухмҳои бордоршавандаи зан ба амал меоянд.

Беморихои функционалии асаб характери субъективӣ (мутаассиршавӣ, хасташавӣ) дошта, асосан дар натиҷаи таъсири манфии ҳаёти социалӣ пайдо мешаванд. Қисми зиёди беморихои функционалии асаб ро *неврозҳо*—неврастения (хасташавии асаб), психостения (хасташавии руҳӣ) ва истерия (ғашьён) ташкил медиҳанд.

Системаи асаб аз рӯи нишондоди морфологӣ ба системаи асаби марказӣ ва периферӣ (канорӣ) тақсим мешаванд. Аз ин нуқтаи назар Б. а. низ ду хеланд: беморихои системаи асаби марказӣ ва беморихои системаи асаби периферӣ. Системаи асабро нисбат ба функцияи он ба системаи асаби анемалӣ ё соматикӣ ва системаи асаби вегетативӣ ҷудо мекунанд. Аз ин рӯ Б. а. ба беморихои системаи асаби анемалӣ ва беморихои системаи асаби вегетативӣ тақсим мешаванд. Дар тибби замони ҳозира зиёда аз 1200 намуд ва бештар аз 3000 аломат (симптом) ва маҷмӯи аломатҳо (синдром)-и Б. а. маълум аст.

Б. а.-ро аз рӯи сабабу аломатҳои зоҳиршавии онҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунанд: Беморихои газакӣ — газаки пардаҳои майна *(сарсом)*, мағзи сар *(энцефалит)*, ҳароммағз *(миелит)*, майнача *(церебелит)*, решачаҳои асаб *(радикулит)*, асабҳои периферӣ (*неврит*, полиневрит); беморихои омосӣ—омоси пардаҳои майна (менингиома), омоси рагҳои хуни майна (ангиома, гемангиома, ангеоретикулома), омоси мағзи сар ва ҳароммағз (глиома, эпендимома), омоси асабҳои периферӣ *(невринома)*; беморихои хунӣ — беморихои хунрезӣ ба пардаҳои майна, мағзи сар ва меъдачаҳои он, ба ҳароммағз, шахшавии хуни рагҳои майна ва камхунии қисмҳои он (ишемияи майна, *аневризма* — буқоқи рагҳои хун, васкулит ва ғ.); беморихои дегенеративӣ, ки асосан аз беморихои ирсӣ иборатанд *(миопатия*, миотония ва ғ.) ба гурӯҳи махсус дохил мешаванд. Ба ғайр аз гурӯҳҳои номбаршуда гурӯҳи дигари Б. а. низ мавҷуданд, ки тағьироти рӯҳро ба амал меоранд (ниг. *Беморихои рӯҳӣ*). Б. а.-ро неврологияи клиникӣ (дар СССР *невропатология)* меомӯзад.

А. М. Пӯлотов.

БЕМОРИҲО́И БАЧАГО́НА, гурӯҳи беморихое, ки бештар ё тамоман дар бачагон вомехӯранд. Ба ҳар давраи синни бача гурӯҳи муайяни беморихо хосанд. Дар давраи навтаваллудшавӣ (18—24-рӯзагӣ) организм ба шароити нави ҳаёт мувофиқ мешавад. Системаҳои функционалии организми ӯ дар ҳолати мувозанати ноустувор буда, бо осонӣ ихтилол меёбад. Дар ин давра дар организми кӯдак тағьироти бо ихтилолии инкишофи ҷанин дар давраи дохилибатнӣ алоқамандбуда (бемории модар, пеш аз мӯҳлат таваллудкунӣ, беморихои ирсӣ ва ғ.) зоҳир мешавад. Ба сироятҳои коккӣ ва вирусӣ хеле ҳассос будани кӯдакони навзод боиси тез-тез ба беморихои маданоку септикии пӯст ва ноф, беморихои шадиди вирусӣ ва бактерияви гирифторшавии узвҳои нафас мегардад. Дар давраи ширхорагӣ (то 1-солагӣ) аз сабаби зиёдшавии талаботи кӯдак ба хӯрок кори системаи ҳозимаи ҳоло аз ҷиҳати функционалӣ номукаммал якбора зиёд мешавад. Аз ин рӯ кӯдаки ҳамин синну сол тез-тез ба беморихои меъдаю рӯда (диспепсия), инчунин беморихои роҳи меъдаю рӯда *(дизентерия*, исҳоли вирусӣ ва ғ.) ва ихтилоли музмини ғизогирӣ *(дистрофияи* бачагона) гирифтор мешавад. Дар ҳамин синну сол газакгирии шуш (пайдоиши вирусӣ ва бактерияви) ва авҷгирии рахит (дар натиҷаи номураттаб хӯрокдиҳӣ ва нарасидани ҳавои тозаю нури офтоб) ҳам тез-тез мушоҳида мешавад. Дар давраи аз 1 то 3-солагӣ ва аз 3 то 7-солагӣ дар натиҷаи паст шудани титри зиддиҷисмҳо (ниг. *Масуният*), ки кӯдак аз модараш гирифтааст, инчунин бо зиёдшавии алоқаи кӯдак бо ҳамсолонаш ва бо одамони гирду атроф беморшавӣ бо сироятҳои шадиди бачагона (сурхча, сурфакабутак, махмалак ва тарбод) зиёд мешавад. Беморихои бо *аллергия* алоқаманд *(зиққи нафас, тарбод, қубласорӣ)* тез-тез сар зада меистанд. Дар бачагони аз 7 то 12-сола ғайр аз беморихои шадиди сироятӣ ихтилоли секрецияи дарунӣ, аномалияҳо, беморихои дил, системаи асаб ва ғ. мушоҳида карда мешаванд. Дар бачагони аз 12 то 17-сола ва 15—17-сола дар давраи ба балоғатрасӣ секрецияи дарунӣ, аномалияи системаи ҷинсӣ ихтилол ёфтанаш мумкин аст. Тарбод, асабонияти рӯҳӣ, беморихои дилу раг бештар вомехӯранд. Пешгирии Б. б.: муҳофизати ҷанин ҳангоми ҳомиладорӣ, доругузаронӣ бар зидди беморихои сироятӣ (сил, ханноқ, нағзак, сурхча ва ғ.), тарбияи ҷисмонӣ, спорт, обутоби организми кӯдак ва ғ.

БЕМОРИҲО́И ВИРУСӢ, гурӯҳи беморихое, ки вирусҳо меангезанд.

Ба Б. в. бештари беморихои сироятии одам, ҳайвон, парранда, моҳӣ, ҳашарот, растанӣ ва бактерияҳо мансубанд. Нағзаку сурхча, обакон, грипп, фалаҷи бачагон, энцефалити вогирӣ, кӯкра (трахома), заъфарма ва ғ. аз қабили Б. в.-и одамонанд. Ҳангоми ворид шудани вирус дар организм процессҳои мураккаб рӯй дода, боиси бемории сироятии шадиду бардавоме мегардад. Механизми инкишоф ва зоҳир шудани нишонаҳои Б. в.-и одам гуногун буда, ба табиати вирус, вирулентнокии он, роҳҳои ба организм дохил шудан, хусусияти муҳофизати табиӣ ва мамониати организм (пӯст, пардаи луобӣ, ҳуҷайра ва узвҳои дохилии он) вобаста аст. Б. в. бо ҳаво, хӯрок, нӯшокӣ, газидани пашшаву кана ва ғ. ҳам сироят мекунанд. Омили муҳими муҳофи-

зати табиии ҳуҷайра аз вирус интерферон ном модда аст, ки резистентноки ҳуҷайраро нисбат ба вирус зиёд мекунад. Роҳи асосии пешгирӣ аз Б. в. ташхиси саривақтӣ ва бистарӣ кунонидани бемор аст. Б. в.-ро асосан бо антибиотик, подзаҳр ва давоҳои зидди илтиҳобиву симптоми муолиҷа мекунанд. Ба Б. в.-и ҳайвону парранда тоун, нагзак, энцефаломиелит, ҳорӣ, орнитоз, грипп, табларза ва гепатити онҳо дохил мешаванд. Аз баъзе вирусҳо сироят дидан ба синну сол, суст шудани қобилияти худмуҳофизати организм — норасоии витамин, истеъмоли кортизон, таъсири шуои рентгенӣ, заҳролуд шудан, хунукхӯрӣ ва ғ. вобаста аст. Б. в. нисбат ба диг. беморӣҳои сироятӣ дар ҳайвонот бештар мушоҳида мешаванд. Дар чорводорӣ касалии оқсил (сумдард) назар ба диг. касалиҳо зарари калони моддӣ мерасонад. Б. в.-и мурғу ҳайвоноти тоқсум, бузу гӯсфанд, хук ва ҳайвонҳои калони шоҳдор хеле бисёранд. Б. в.-и ҳайвонотро ҳамчун беморӣҳои сироятӣ пешгирӣ ва табобат мекунанд. Касалии рӯи бадани ҳашарот (полиэдрӣ), гранулёз, қаросоии занбӯри асал ва ғ. аз қабили Б. в.-и бандпойҳо аст. Нагзаки гулмоҳӣ, саратони гурдаи қурбоққа, касалии омосшакли моҳӣ ба Б. в.-и сардхунон дохил мешаванд. Бактериофагия аз ҷумлаи Б. в.-и бактерия ва актиномицетҳо мебошад. Ниг. низ *Касалиҳои вирусии растанӣ*. *Ч. М. Ҳошимов.*

БЕМОРИҲОИ ДАРУНӢ, гурӯҳи беморӣҳои узвҳои дарунӣ (системаи дилу раг, узвҳои нафас, ҳозима ва ғ.), ки онҳоро духтурони терапевт меомӯзанд ва муолиҷа мекунанд. Ниг. *Терапия*.

БЕМОРИҲОИ ИРСӢ, беморӣҳое, ки дар натиҷаи нуқси аппарати генетикии ҳуҷайраҳои ҷинсӣ ба вуҷуд меоянд. Ихтилол (абберация)-и хромосомӣ ё мутацияи генӣ, ки бо таъсири омилҳои мутагении муҳити берунӣ ва дохилӣ ба вуҷуд меоянд, сабаби пайдоиши Б. и. мегарданд. Б. и. дар навъҳои гуногуни аномалии сохт ва функцияи ҳуҷайра, бофта, аъзо ва система, номураттабии мубодилаи модда ва ғ. падид меояд. Ихтилоли миқдории хромосома, ки бемомории хромосомӣ ном дорад, бештар омӯхта шудааст. Ба Б. и., ки бо *мутацияи* генӣ пайдо мешавад, кариву гунгии модарзод, *хореяи* модарзод, *дальтонизм* ва ғ. мансубанд. Дараҷаи Б. и. ба пайдоиш ва зоҳир шудани нишонаи генҳои бемориовар ва баъзе омилҳои муҳит вобастааст. Аз рӯи механизми ирсият Б. и. якчанд тип доранд: доминантӣ (миотония), аутосомии рецессивӣ *(альбинизм, карӣ)* ва рецессивии мутааллиқ ба ҷинс *(гемофилия, дальтонизм)*. Пайдоиши Б. и.-ро бо усулҳои генологӣ, тавъамонӣ, цитологӣ, биохимиявӣ ва ғ. муайян мекунанд. Барои пешгирӣ, ташхиси пешакӣ ва табобати саривақтии Б. и. маслиҳатгоҳҳои тиббию генетикӣ аҳамияти калон доранд. Доир ба тадқиқи Б. и. дар РСС Тоҷ. ниг. мақолаи *Генетика*.

БЕМОРИҲОИ ИҶТИМОӢ, ниг. *Гигиенаи иҷтимоӣ* дар СССР.

БЕМОРИҲОИ КАСБӢ, 1) беморӣҳое, ки дар натиҷаи ба организм таъсир кардани осебҳои касбӣ сар мезананд. Б. к. аз таъсири чанг (ниг. *Пневмокониозҳо*), моддаҳои заҳрнок, вибрация, галогула ва ғ. ба вуҷуд меоянд. Баъзе беморӣҳои сироятӣ ва ангалӣ (мас., бруцеллёз, сӯхтанӣ) ҳам Б. к.-анд.

Дар СССР нисбат ба диг. беморӣҳо Б. к. хеле кам вомехӯранд. Барои коргарон ва хизматчиёне, ки ба Б. к. гирифтор шудаанд, аз ҷиҳати таъминоти иҷтимоӣ ва сугурта ёрдампулӣ, барои муваққатан ғайри қобили меҳнат будан (дар ҳаҷми пурраи музди корӣ) нафақаи имтиёзноки ногаҳонӣ ва ғ. муқаррар карда мешавад.

2) Патологияи касбӣ, як фасли *терапия*, ки сабабҳои пайдоиш, механизми инкишоф, клиника ва муолиҷаи беморӣҳои аз таъсири омилҳои номусоиди истеҳсолотӣ сарзанандаро меомӯзад. Пешгирӣ намудани Б. к.-ро гигиенаи меҳнат (ниг. *Гигиена*) кор карда мебарояд. Оид ба проблемаҳои патологӣ дар аксари кафедраҳои клиникӣ ва гигиении ин-тҳои тиббӣ, ин-тҳои такмили ихтисоси духтурон ва ғ. тадқиқоти илмӣ бурда мешавад. Дар тараққиёти таълимот дар бораи Б. к. олимони совотӣ И. Г. Гельман, В. А. Левицкий, Н. А. Видгорчик ва диг. саҳм гузоштаанд. Дар СССР аз с. 1957 журнали «Гигиена труда и профессиональные заболевания» чоп мешавад.

Дар Тоҷикистон оид ба проблемаҳои патологияи касбӣ дар кафедраи муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббӣ тадқиқоти илмӣ бурда мешавад. Дар лабораторияи гигиенаи меҳнати Ин-ти эпидемиология ва гигиенаи Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. шароитҳои корӣ, ки мумкин аст боиси Б. к. шаванд, омӯхта мешаванд.

БЕМОРИҲОИ ПӮСТ, як гурӯҳ касалиҳои пӯст, нохун, рошаи мӯй ва пардаи луобии одам ва ҳайвонот, ки дар шакли доғ, кафида, захму обила ё чирку зардоб, сӯзишу хориши пӯст ва ғ. зоҳир мегарданд. Ангезандаи Б. п., ки аз илтиҳоби пӯст *(дерматит)* сар мезанад, бештар микроб, таъсири моддаҳои химиявӣ, омилҳои физикӣ (гармӣ, хунукӣ) ва ғ. мебошанд. Б. п. аз ихтилоли корӣ системаи марказии асаб, фаъолияти ғадуди эндокринӣ, номуназзамии мубодилаи модда ҳангоми беморӣҳои дарун, ҳассосии организм нисбат ба ангезанда (мас., хоришак) ё занбӯруғҳои касалиовар *(дерматомикоз)* ва ғ. сар мезанад. Сили пӯст чун бемории сироятӣ боиси дар пӯст пайдо шудани доғҳои модарзод, озах ва ғ. мегардад. Б. п.-ро *дерматология* меомӯзад.

Дар РСС Тоҷ. аввалин муассисаҳои табобати Б. п. с. 1930 дар ш. Душанбе ва Хуҷанд таъсис ёфта буд. И. И. Бондарев, А. И. Горожанина, Н. И. Черноморцева ва диг. аввалин мутахассисони Б. п. дар Тоҷикистон буданд. С. 1942 дар Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон кафедраи Б. п. ва ҷимоӣ таъсис ёфт. Ҳоло дар тамоми Тоҷикистон шӯъба ё табобатхонаҳои Б. п. ва ҷимоӣ ташкил шудаанд, ки дар пешгирӣ ва табобати Б. п. ба комьёбиҳои калон ноил гаштаанд. Сили пӯст, лейшманиоз, хоришак ва диг. беморӣҳо дар Тоҷикистон қариб тамоман барҳам хӯрдаанд. Ҳоло бо мадади дерматологҳо обҳои минералии Тоҷикистон ҳам дар муолиҷаи Б. п. истифода мешаванд.

Ад.: Многотомное руководство по дерматовенерологии, т. 1—3, М.-Л., 1959—64.
Б. Р. Раҳматов.

БЕМОРИҲОИ РӮҲӢ, беморӣҳои одам, ки бештар бо ихтилоли рӯҳ шарҳ дода мешаванд. Ҳангоми Б. р. инъикоси реалияти объективӣ, эҳсоси шахсӣ, муносибат ба атрофиён ва рафтор таъсир меёбад. Б. р. бори аввал аз осеби мағзи сар бо минбаъд вайрон шудани фаъолияти тамоми организм ё аз касалии узв ва бори дуюм аз ихтилоли функцияҳои рӯҳӣ сар заданашон мумкин аст. Аломатҳои Б. р. инҳоанд: ҳалвасат *(галлюцинация)*, ихтилоли тафаккур *(васваса, ваҳмакӣ, психастения)*, табъ *(молихулиё, савдой, депрессия)*, ихтилоли шуур *(моҳпарвин)*, хотир, сафоҳат *(кретинизм)*. Ба Б. р. тамоилҳои ирсӣ, сироятёбӣ, заҳролудшавӣ, беморӣҳои мағзи сар, ғадудҳои дарунӣ, узвҳои дохилӣ, авитаминоз, захмҳои рӯҳӣ, инчунин ихтилоли инкишофи дохилибатнӣ боис мегарданд. Б. р. асосан се навъ мешаванд: психозҳо (*шизофрения* ва ғ.), ихтилоли асабию рӯҳӣ *(невроз, ғашъён* ва ғ.) камақлӣ *(олигофрения)*. Сабаб, зоҳиршавӣ, моҳият, пешгирӣ ва табобати Б. р.-ро *психиатрия* меомӯзад. Аксари Б. р.-ро бо дорухои психотропӣ (нейролептикҳо, транквилизаторҳо, энергизаторҳо ва ғ.) муолиҷа мекунанд; ҳангоми невроз ва психопатия психотерапияро истифода мебаранд. Б. р.-ро дар беморхонаҳои рӯҳӣ, диспансерҳо ва ғ. муолиҷа мекунанд. Дар РСС Тоҷ. сабаб, ҷараён, пешгирӣ ва табобати Б. р. дар кафедраи психиатрияи Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон омӯхта мешавад. Рӯҳшиносони республика дар тадқиқи ҷиҳатҳои гуногуни шизофрения, психозҳои алкоголӣ, сироятӣ (гриппӣ ва сифилисӣ) ва рагӣ саҳми босазо гузоштанд. Дар республика 6 диспансери рӯҳию неврологӣ бо стационарҳояш ва 4 беморхонаи психиатрӣ амал мекунанд.

Ад.: Гиляровский В. А., Психиатрия, М., 1954; Гулямов М. Г., Вопросы клинической психиатрии, Д., 1963; Левинсон А. Я., Циркулярная шизофрения, Д., 1968. *М. Ғ. Ғуломов.*

БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ, бемориҳое, ки дар натиҷаи ба организм дохил шуда афзоиш ёфтани микроб, занбӯруғак, тухми кирмҳои паразит, вирус ва мавҷудоти соддатарини касалиангез ба вуҷуд меоянд. Хусусияти умумии Б. с. имконияти гузаштани онҳо аз организми сироятёфта ба организми солим буда, бо ихтилоли ҳолати мӯътадили физиологии организм зуҳур меёбад. Муваффақиятҳои олимони соҳаҳои бактериология, микробиология ва иммунология дар а. 19 боиси ошкор шудани табиати Б. с. гардид. Омӯзиши назарияви ва амалии Б. с. бо номи биологи франсавӣ Л. Пастер, бактериологи немис Р. Кох ва як зумра олимони ватанӣ И. И. Мечников, Н. Ф. Гамалея, А. М. Безредка ва ғ. алоқаманд аст. Микроорганизмҳои сироятовар ба организм бо ҳаво (нафас), хӯрок, нӯшокӣ, пешоброҳа, пӯст ва ғ. дохил шуда, афзоиш мекунанд ва ба ихтилоли ҳолати физиологии организм боис мешаванд. Инкишоф ва ҷараёни Б. с. ба қуввати микроорганизми сироятовар, ҳассосӣ ва устувории организм вобаста аст. Б. с.-ро бо маҷмӯи маълумотҳои анамнестӣ (маълумотҳое, ки бо пурсиши бемор ва наздиконаш ба даст оварда мешаванд), клиникӣ, лабораторӣ ва ғ. ошкор мекунанд. Кам шудан ва барҳам хӯрдани Б. с. бештар ба сохти ҷамъият, тараққиёти хоҷагии халқ, дараҷаи некуаҳволии моддӣ ва мадании аҳолӣ, хизмати санитарию зидди эпидемӣ ва диг. омилҳо вобаста аст. Дар СССР, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. дар натиҷаи пешрафти илмӣ ва ба роҳ мондани усулҳои муолиҷа (антибиотикотерапия, вакцинотерапия, химиотерапия ва ғ.) варача, тифи шикам, тифи рачъӣ, ҳаннок, сифилис, махмалак, фалачи бачагон, табларза ва лейшманиоз барин Б. с. қариб тамоман барҳам хӯрдаанд.

Ад.: Руководство по инфекционным болезням, т. 1—2, М., 1962—67.
Ҷ. М. Ҳошимов.

БЕМОРИҲОИ ЧАШМ, бемориҳои узвҳои *чашм* (пилк, аъзои ашк, косаи чашм). Бемориҳои умумӣ (тарбод, сил, сифилис, варача, бруцеллёз ва диг. касалиҳои сироятӣ), ихтилоли муболиаи модда, бемории системаи асаб ва раг, авитаминоз ва ғ. мумкин аст сабаби Б. ч. шаванд. Аз таъсироти номусоиди муҳит бештар таъсири механикӣ (зарбу лат), химиявӣ (туршию чавҳарҳо) ва физикӣ (гарми, рӯшной, радиоактивӣ) боиси Б. ч. мегардад. Инҳирофи рефракцияи чашм, ихтилоли функцияи босира — наздикбинӣ, дурбинӣ ва астигматизми чашм низ ба Б. ч. таллуқ доранд. Б. ч.-ро соҳаи махсуси илми тиббӣ ҳозира — *офтальмология* меомӯзад.

БЕМОРИҲОИ ҶИМОӢ, маҷмӯи бемориҳои сироятӣ аз қабили *сифилис, сӯзок, оташак, трихомоноз, лимфогранулематози* маҳбал, ки аксаран дар натиҷаи ғалабаи нафси шаҳвонӣ ба вуҷуд меоянд.

Б. ҷ. 2500 сол пеш аз милод дар маъхазҳои Мисри Қадим ва баъд дар адабиёти форс ва араб бо ибораи «марази фосиқон» маълум буданд. С. 1527 олими франсавӣ Ж. де Бетанкур дар илм таъбири бемориҳои венериро дохил кард (аз Veneris — олиҳаи ишқу муҳаббат Зӯҳра). Б. ҷ. ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, чӣ барои саломатии худи бемор ва чӣ барои ҷамъият бағоят хатарноканд. Зуд ва бо осонӣ паҳн мешаванд. Бе муолиҷа мондан, дер ё нимкора табобат кардани Б. ҷ. аксаран узвҳои ботинӣ ва системаи асабро хароб карда, ба насл таъсир мерасонанд, боиси таваллуди кӯдакони маслух, кар ва кӯри модарзод мешаванд.

Шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакатҳои капиталистӣ: бӯҳронҳо, ки боиси бекорӣ мешаванд, ҷангҳо, помолкунии ҳуқуқи нажодӣ, алкоголизм, шаҳватпарастии дороҳо, кино, телевизион ва адабиёти ахлоқ вайронкунанда ва ғ. ба афзудани Б. ҷ. сабаб мегардад. Дар Россияи пешазреволюционӣ шумораи одамони гирифтори Б. ҷ. зиёд буд. Мас., с. 1915 аз ҳар 100 ҳаз. наф. 96 бемори сӯзок қайд карда шудааст.

Пас аз Рев. Октябрь системаи социалистии нигаҳдории тандурустӣ ташкил шуда дар миқьёси давлат ба муқобили Б. ҷ. муборизаи сар шуд. Дар СССР ба рӯйхат гирифтани беморони гирифтори Б. ҷ., ошкор кардани манбаъҳои беморӣ, таҳқиқ ва муоинаи шахсоне, ки бо беморон робита доштаанд, ҳар сари чанд гоҳ эҳтиётан аз назар гузаронидани коркунони хидмати маишӣ, занони ҳомила, табобати бепули беморон аз ҷумлаи бисьёр чораҳои ҳатмист. Мувофиқи қонуни советӣ шахсоне, ки бемор будани худро дониста, ин касалиро паҳн мекунанд, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд. Сирри бемороне, ки барои муолиҷа ё пешгирии Б. ҷ. ба духтур мурочиат кардаанд, ошкор карда намешавад.

Дар РСС Тоҷ. дар солҳои Ҳокимияти Советӣ диспансерҳои бемориҳои пӯст ва ҷимоӣ ташкил ёфта, кадрҳои пурихтисос ба камол расиданд. Бо кӯшиши онҳо бемориҳои оташак, лимфогранулематози маҳбал барҳам хӯрда, нейросифилиси сироятӣ ва модарзодӣ асосан аз байн рафт. Аҳли кафедраи бемориҳои пӯсти Ин-ти тиббии Тоҷ. ба таҳқиқи усулҳои эҳтимодбахши муолиҷаи Б. ҷ. машғуланд.

Ад.: Раҳматов Б. Р., Баъзе масъалаҳои тарбияи ҷинсӣ, Д., 1971.
Б. Р. Раҳматов.

БЕМОРХОНА, касалхона, бемористон, муассисаи беморонро

Беморхонаи республиканиии клиникии № 3, ш. Душанбе.

дар шароити стационарӣ муолиҷакунанда. Дар СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ Б. муассисаи давлатии табобатию профилактикӣ буда, ба ҳамаи гражданҳо ёрии тиббӣ мерасонад. Дар мамлакатҳои капиталистӣ аксари Б.-ҳо хусусианд: меҳнаткашон аз чунин Б.-ҳо баҳраманд нестанд; Б.-ҳои тобеи муассисаҳои давлатӣ, муниципалитетӣ, динӣ ва маърифатӣ эҳтиёҷи аҳолиро қонеъ намегардонанд.

Дар СССР беморонро дар Б., поликлиника ва хона табобат мекунанд. Б. вобаста ба ҷойгиршавӣ, ҳаҷми кор ва хусусияташ дар шаҳрҳо республикавӣ, вилоятӣ (кишварӣ), шаҳрӣ ва клиникӣ (дар назди ин-тҳои тадқиқоти илмии тиббӣ); дар қишлоқҷойҳо участкавӣ, районӣ (минтақавӣ) ва районии марказӣ мешавад. Б. умумӣ ва махсус ҳам мешавад. Дар Б.-и умумӣ, яъне дар Б.-и аз якчанд шӯъбаҳо иборатбуда, бемориҳои гуногуну дар Б.-и махсус бемориҳои алоҳида (гинекологӣ, рӯҳӣ, сироятӣ ва ғ.) муолиҷа карда мешаванд. Б. қабулгоҳ, шӯъбаҳои махсус (терапия, ҷарроҳӣ, бачагона, таваллудхона, гинекология, реанимация ва ғ.) шӯъбаҳои табобатӣ ва ташхисӣ (шӯъбаҳои рентген, физиотерапия, лабораторияҳо ва ғ.), инчунин шӯъбаҳои маъмурию хоҷагӣ дорад.

Ба Б. сардухтуру ба шӯъбаҳояш мудирҳо, ки аз байни духтурони таҷрибанок интихоб карда мешаванд, роҳбарӣ мекунанд. Мудирони шӯъбаҳои Б.-и бо поликлиника муттаҳидшуда ба шӯъбаҳои поликлиника ҳам роҳбарӣ менамоянд. Дар Б. духтур муолиҷа мекунад, ҳамшираи шафқат гуфтаҳои духтурро ба ҷо меорад, ба беморон нигоҳубин мекунад, санитарка ғайр аз иҷро намудани корҳои гуногун ба ҳамшираи шафқат ёрӣ мерасонад. *Е. Т. Тоҷиев.*

БЕМОРӢ, вайроншавии фаъолияти ҳаётии мӯътадили организм, ки аз таъсири омилҳои барои он зарарнок сар мезанад ва бо тағьиротҳои физиологӣ ва структурӣ зоҳир мегардад. Дар пайдо шудани Б. омилҳои муҳити берунӣ ролӣ ҳалкунанда мебозанд, чунки онҳо ба организм ғайр аз таъсири бевосита расондаташон хосиятҳои дохилии онро ҳам дигаргун карда метавонанд. Ин тағьиротҳо аз насл ба насл гузашта, мин-

баъд худашон сабаби Б. мешаванд. Дар организм ҳангоми Б. процессҳои вайронкунанда (натиҷаи осеби системаи физиологи бо омилҳои беморгангез) ва процессҳои барқарорқунанда (натиҷаи муқобилиятнишондиҳии организм ба осебе) созгори мекунанд. Процессҳои бемори бо аломатҳои хоси худ аз ҳамдигарашон фарқ мекунанд. Реакцияҳои организм, ки ҷавобан ба таъсири омили беморгангез ба вуҷуд меоянд, вобаста ба хосияти индивидуалии организми бемор ҳар хел авҷ мегиранд. Фасле, ки дар патология (таълимот дар бораи беморихо) механизмҳои авҷгирии Б.-ро меомӯзад, *патогенез* номида мешавад. Сабабҳои Б.-ро *этиология* таҷриқ мекунад. Ба Б. ниҳо сабаб шуда метавонанд: 1) омилҳои берунӣ: механики (латхури, захмдоршавӣ ва ғ.), физикӣ (ҷараёни электр, энергияи шуоӣ ва ғ.), химиявӣ (таъсири моддаҳои заҳрнок), биологӣ (ангезандаи эндаи беморихо — микробҳо, гельминтҳо, кана ва ғ.), ихтилоли хӯрокхури (гуруснамонӣ, авитаминоз ва ғ.), таъсиротҳои рӯҳӣ ба одам (тарсу ҳарос ва ғ.); 2) хосияти дохилии организм — ирсӣ, модарзоди ва ғайримодарзоди. Дар пайдоиш ва пахшшавии Б.-и одам омилҳои ичтимоӣ (ниг. *Гигиенаи ичтимоӣ*) роли калон мебозанд. Ҳар як Б. се давраро дар бар мегирад: и н к у б а ц и о н и, д а в р а и л а т е н т и (барои беморихои сироятӣ), д а в р а и б а й н и (таъсири омили беморангез ва сар задани аломатҳои аввалини Б.); п р о д о р м а л ӣ — давраи саршавии аввалин аломатҳои Б.; п у р р а авҷгирии Б.; с и ҳ а т ё б и и Б., ки бо тезӣ ё оҳиста-оҳиста мегузарад. Вобаста ба давомкуни ва аломатҳои хоси зоҳиршавӣ Б. шадид ва музмин мешавад. Ба зуҳуроти асосии Б. ҳамроҳшавии тағйироти иловаги, ки бо сабабҳои Б. бевосита алоқа надорад, аммо дар натиҷаи он инкишоф меёбад, боди Б. номида мешавад. Оқибати Б. сиҳатшавӣ, тамоман сиҳат нашудан (инвалидӣ), музминшавии Б. ва марг аст.

Таснифи Б.-и одам аз рӯи хусусияти ҷараёнӣ (шадид ва музмин); тағйироти патологӣ дар организм (молекулавӣ, хромосомӣ, ҳуҷайрагӣ, бофтагӣ, узвӣ ва умумӣ); аз рӯи омилҳои этиологӣ; тарзи муолиҷаи онҳо (терапевтӣ, ҷарроҳӣ ва ғ.); фарқияти синнусолӣ ё ҷинсӣ (беморихои занона, беморихои бачагона) ва ғ. гузаронида мешавад. Аз рӯи аломатҳои хешӣ таснифи намудани Б. яъне усули нозологӣ (Ниг. *Нозология*) бештар маъмул гаштааст. Ниг. низ *Патология*.

БЕМӮҲРАҲО (Invertebrata), гурӯҳи калони ҷонаодҳое, ки сутунмӯҳра надоранд. Б. дар тамоми рӯи замин паҳн шудаанд. Ба Б. *соддатаринҳо, исфанҷҳо, рӯдаковокҳо, кирмҳо, нармбаданҳо, бандпойҳо, сӯзанпӯстҳо* ва баъзе диг. типҳо мансубанд; ҳамагӣ 16 типи Б. мавҷуданд. Тақрибан 1 млн 260 ҳаз. намуди Б. маълум буда, қариб 1 млн-и онҳо ҳашарот мебошанд. Б. ҳамчун озуқаи инсон (харчангшаклон, нармбаданон ва ғ.) ва хӯроки ҳайвонот, паррандагон ва моҳиҳо низ аҳамияти калон доранд. Маҳсули фаъолияти ҳаётии баъзе Б. аҳамияти хоҷагию техники (муми занбӯри асал, пиллаи кирмаки абрешим, марвориди нармбаданҳо ва ғ.) доранд. Бисьёрии Б. паразити одаму ҳайвонот ва зарарасонҳои зироати х. қ.-анд. Як қатор Б. паҳкунандаи беморихои сироятӣ ва паразити мебошанд.

БЕНАВО [بینوا] Абдурауф (тав. 1914, Қандаҳор), шоир, публицист, олим ва арбоби давлатии афғон. Маълумоти ибтидоиро дар оила ва мактаби маҳаллӣ гирифтааст. Ба нашту ва форсии кобулӣ (дарӣ) менависад. Б. дар 20-солагӣ чун шоир шиноҳта шуд. Аз с. 1934 дар газетаи «Тулӯи афғон» ва журнали «Нашту» ҳамкорӣ мекард. Бо тахаллусҳои «Бенаво», «Ятим», «Барён» ва ғ. шеър навиштааст, вале чун «Бенаво» бештар шӯҳрат дорад. Б. чи дар назму насри бадеӣ ва чи дар адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва таъриҳ таълифоти зиёде дорад. Дар осори бадеии Б. урфу одатҳои кӯҳна ба зери танқид гирифта шудааст (маҷмӯаи «Парешона афкор», 1957; «Хушҳол ва Исарлай», 1958). С-ҳои 1946—51 ноиби президент, баъд президенти АФ Афғонистон, аз с. 1949 муҳаррири газетаи «Ҳивод» («Ватан») ва журнали илмии «Кобул» буд. «Адаби фунун» (1948) ва «Хӯтакиҳо» (1957) низ аз осори илмии ваянд. Б. ба сифати ходими давлат вазифаҳои дипломати, вазирӣ ва вакили парламентро ба ҷо овардааст. Аз с. 1959 котиби масъули Ҷамъияти дӯстии Афғонистону СССР интихоб шуда, ду маротиба ба СССР омадааст. *Ш. Орипов.*

БЕНВЕ́НИСТ (Benveniste) Эмиль (1902 Ҳалаб, Сурия — 1976 Париж), забоншиноси франсавӣ. Бисьёр забонҳои олам, аз ҷумла форсӣ, ҳеттӣ, арманӣ, юнонӣ, лотинӣ, забонҳои славянӣ ва ғ.-ро хуб медонист. Дар масъалаҳои гуногуни забоншиносии умумӣ («Масъалаҳои забоншиносии умумӣ», ҷ. 1—2, 1966—74) бештар аз 20 китоб ва 300 мақола дорад. Хусусан тадқиқоти эроншиносии Б. муҳиманд: «Масдар дар Авесто» (1935), «Унсурҳои форсии қадим дар забони арманиҳои Миср» (1954), «Лексикаи яғнобӣ» (1955), «Тасвири Бохтар» (1961), «Феъли форсии «нам» дар забони суғдӣ» (1967) ва ғ. Барои ҳалли баъзе масъалаҳои вобаста ба Авесто китоби Б. «Вессантара ҷатака» (1946) муҳим аст. Вай дар хусуси маҳалли пайдоиши ин китоби бостонии мо навиштааст: «Кишварҳои таъриҳӣ ва афсонавии Авесто бо Эрони Шарқӣ алоқаманд аст. Ҳеҷ як соҳибхирад ин фактро, ки маъхазҳо собит карданд, рад карда наметавонад». Б. исбот кард, ки матни «Драхти Асурик» ашконист. Инчунин матни «Ёдгори Зарирон»-ро таҳлил карда, ба хулосае омадааст, ки ин достони манзум дар замони Ашкониён ба миён омада, баъдтар ба насри паҳлавӣ таҳрир шудааст. Б. ҷонишини раиси Ҷамъияти забоншиносони Париж, президенти Ассоциацияи байналхалқии маъноиҳо калима, директори Ин-ти омӯзиши забонҳои эронии Ун-ти Париж, мудири «Маҷаллаи омӯзиши забонҳои арманӣ» буд. *Ш. Мухтор.*

БЕНДЕ́РЫ, шаҳр, дар РСС Молд. Истгоҳ дар соҳили рости д. Днестр. Узели р. о. Аҳол. 100 ҳаз. наф. (1977). Яке аз марказҳои муҳими саноатии республика. Дар шаҳр корхонаҳои саноати сабук (ф-каҳои ресмонресӣ, дӯзандагӣ, пойафзол, комб. шоҳибофӣ ва ғ.), хӯрокворӣ (комб-ҳои гӯшт, равған, з-дҳои консерв, вино) ва чӯбгарӣ, з-дҳои аппаратураҳои электрики, «Молдавкабель» ва ғ. мавҷуданд. Техникуми саноати сабук, омӯзишгоҳи тиббӣ, музеи кишваршиноси, театрҳои халқӣ дорад. Аз осори меъморӣ қалъаи а-ҳои 14—15 боқӣ мондааст. Б. а. 12 буньёд шудааст.

БЕНЕВЕ́НИ Флорио (с. тав. ва ваф. номаълум), сайёҳ ва ходими давлатии рус, котиби «Экспедицияи шӯъбаи шарқшиносии сафоратхона»-и Петербург. Пётри I Б.-ро ба Бухоро ҳамчун сафир фиристода буд (1718). Б. аз Кавказ ва Эрон ба Бухоро (1721), баъд ба Хева сафар кард. Ба Россия баъди вафоти Пётри I (1725) баргашт. Б. доир ба география, этнография ва таъриҳи мамлакатҳои сафар кардааш маълумот ҷамъ кард. Б. дар мактубҳояш ба Пётри I ва дафтарҳои хотиравиаш бетартибиҳои сиёсии Бухоро ва Хеваро тасвир кардааст. Маълумоти Б. барои омӯхтани таъриҳи хониҳои Осиёи Миёна хеле муҳиманд.

БЕНЗИ́Н (франс. benzine), омехтаи карбогидридҳои гуногунсохт; моеи беранги зудафрӯз; t ҷӯш. 30—205°С, t яхшавиаш аз — 60°С паст, зичиаш 700—780 кг/м³. Б.-ро дар натиҷаи *крекинг*, тақтири нефть, коркарди варақсанг ва ангиштсанг, инчунин бо роҳи синтез (аз оксиди карбон ва гидроген Б.-е мегиранд, ки с и н т и н номида мешавад) ҳосил мекунанд. Вобаста ба сифат ва истифода Б.-и автомобилӣ, авиационӣ, газӣ ва ғ. истеҳсол карда мешавад. Б.-ро асосан чун сӯзишворӣ дар муҳаррикҳои дарунсӯз, инчунин чун ҳалкунандаи равған, зифт, каучук ва ғ. истифода мебаранд. Ба детонация устувории Б. (яъне қобилияти дар муҳаррик мӯътадил сӯхтан дар шароитҳои гуногун) яке аз хосиятҳои муҳими истифодаи он мебошад, ки онро бо илова кардани *антидетонаторҳо* (этилиронии Б.) зиёд мекунанд. Хосияти Б.-ро аз рӯи а д а д и

октанӣ (а. о.) ва бензини авиациониро бошад, бо а. о. ва сифатнокии он муайян менамоянд. Миқдори фоизи изооктан дар чунин омехтаи изооктану (а. о. = 100) *н*-гептан (а. о. = 0), ки аз чиҳати ба детонациястуворӣ ба Б.-и истифодашаванда эквивалент аст, а. о.-и Б.-и мазкурро нишон медиҳад. Сифатнокии Б. нисбати иқтидори муҳаррикҳои бо Б.-и тадқиқшаванда ва сӯзишвории эталонӣ коркунандаро нишон медиҳад. Дар мамлакатамон навъҳои Б.-и автомобилии А-66, А-72, А-76, АИ-93, АИ-98 (ададҳо ба а. о. мувофиқанд) ва Б.-и авиациони Б-100/130, Б-95/130, Б-91/115 (сураташ — а. о., махрачаш — навъи Б.)-ро истеҳсол мекунанд, ки тобистонаю зимистона мешаванд ва бо таркиби фракционию шон фарқ мекунанд. Буғи Б. барои организм хавфнок аст; концентрацияи ҷонзбудаи буғи Б.-и ба сифати сӯзишворӣ дар автомобиль ва авиация истифодашаванда дар ҳаво 100 мг/м³ ва Б.-и ҳалкунанда 300 мг/м³ мебошад. Ҳангоми захролудшавӣ бо буғи Б. кас дарди сар мешавад, месулфад, набзаш суст шуда, баъзан аз ҳуш меравад.

Ерпи аввалин ва муолиҷа: ҳавои тоза, оксиген, дорухои дил, оромибахш ва ғ.

БЕНЗОЛ, C_6H_6, пайвасти органикӣ, соддатарин карбогидриди ароматӣ; моеи беранги бухоршаванда, бӯи махсус дорад; t ғуд. 5,5° С; t ҷӯш 80,1° С; зичиаш 879,1 кг/м³ (дар 20° С). Бо ҳаво омехтаҳои тарканда (1,5—8%-и ҳаҷм) ҳосил мекунад. Бо аксари ҳалкунандаҳои органикӣ (бензин, скипидар, эфирҳо ва ғ.) омехта мешавад; дар он каучук, зифт, чарбу, инчунин фосфор, сульфур ва ғ. ҳал мешаванд. Бо бисьёр пайвастҳо омехтаи азеотропӣ ҳосил менамояд. Б. дар об кам ҳалшаванда буда, ба таъсири оксидкунандаҳо тобовар аст. Б.-ро аввалин бор с. 1825 М. Фарадей кашф карда буд. С. 1865 Ф. А. Кекуле формулаи сохти Б.-ро (I) пешниҳод кард.



I

II

Ин формула гарчанде зоҳиран ва тахминан ба хосиятҳои химиявии Б. мувофиқ бошад ҳам, вай васеъ истифода мешавад. То ҳол формулаи мақбулу умумии сохти Б.-ро ифодакунанда вучуд надорад. Аксар формулаи II-ро, ки баробарқиматии бандҳои молекуларо баён менамояд, истифода мебаранд. Б.-ро ба осонӣ нитронидан, сульфуронидан ва галогенонидан мумкин аст.

Б.-ро аз циклизацияи катализии карбогидридҳои алифатии нефть, газ, кокс ва ғ. ҳосил мекунанд. Б. ашёи пурқимати истеҳсоли рангубор, полимер, дорувор, моддаҳои тарканда ва ғ. мебошад; Б.-ро чун ҳалкунанда истифода мебаранд. Б. заҳрнок аст; концентрацияи бехавфи он дар ҳавои корхонаҳо то 20 мг/м³. Ҳангоми захролудшавӣ аз Б. дарди сар, дилбеҳуэурӣ, қай, тез задани набз, баъзан ихтилоҷ, мадҳушӣ мушоҳида мешавад. Аз Б. захролудшудагонро бо доруҳои бромдор, давоҳои барои дилу раг тавсияшуда, доруҳои оҳандор, ба хун гузаронидани массаи эритроцитарӣ, витамини B_{12} муолиҷа мекунанд.

БЕНИН, Республикаи Халқии Бенин (то 30 нояб. 1975 Дагомея), давлат дар Африкаи Ғарбӣ. Дар Шим. бо Нигер, дар Шим. Ғ. бо Вольтаи Боло, дар Ғ. бо Того, дар Ш. бо Нигерия ҳамсарҳад, дар Ҷ. онро хал. Гвинея ҳота кардааст. Масоҳ. 112,6 ҳаз. км². Аҳол. 3,2 млн наф. (1975). Пойтахташ — ш. Порто-Ново (қариб 94 ҳаз. наф., 1974).

Сохти давлатӣ. Б. республика. Сардори давлат ва ҳукумат — президент. Ҳокимияти олии қонунбарор ва иҷроия — Ҳукумати ҳарбии революционӣ. Ҳукумат аз вазирон иборат аст, ки онҳоро президент мувофиқи тавсияи Шӯрои олии армия ба кор таъин ва озод мекунад. Органи олии ҳокимияти сиёсӣ — Шӯрои миллии революционӣ.

Аҳолӣ. Зиёда аз 1,7 млн наф. аҳолии мамлакатро бенинихо, инчунин аҷа, йоруба, фульбе, тофини, берба, барба ва диг. ташкил медиҳанд. Дар шаҳрҳо европоиҳо (асосан франсавиҳо), суриягиҳо, лубниҳо ва дигар халқҳо зиндагӣ мекунанд. 75%-и диндорон пайрави оинҳои анъанавии маҳаллӣ буда, боқимонда — мусулмонанд. Забони расмӣ — франсавӣ мебошад. Ш-ҳои калон: Котону (қароргоҳи президент ва ҳукумат, 179 ҳаз. наф., 1975), Порто-Ново, Абомей.

Табиат. Сатҳи Б. асосан ҳамвор; дар Ҷ. пастии назди соҳил ҷой гирифтааст, ки он мурдобҳои зиёде дорад. Қисми марказӣ ва шим. бошад аз пуштакӯҳи (баландиаш то 500 м) аз ҷинсҳои кристаллӣ таркибьёфта иборат. Дар Шим. Ғ. силсилаи к. Атакора (баландиаш то 635 м) воқеъ аст. Д-и калонтарини Б.— Ваме ба хал. Гвинея ҷорӣ мешавад. Иқлим дар Ҷ. экваторӣ буда, ду мавсими боришот дорад. Боришоти солона 800—1300 мм. Ҳарор. миёнаи солона дар соҳил 24°—28° С. Иқлими Шим. субэкваторӣ буда, як мавсими боришот дорад. Боришоти солона аз 1000 то 2000 мм. Ҳарор. миёнаи янв. 24° С, июль 30° С. Терр. Б. асосан бешазор, ҷо-ҷо саваннаҳо вомехӯранд. Соҳилҳо бо бешаҳои ҳамешасабзи рутубатноки тропикӣ (қариб $^1/_5$ терр.) пӯшида шудаанд. Дар саванна намудҳои гуногуни оҳу, кафтор, паланг ва ғ. вомехӯранд.

Дехаи халқи сомба дар Бенини Шимолӣ.

Очерки таърихӣ. Аз натиҷаи ҳафриёти археологӣ маълум гардид, ки ҳанӯз дар давраи палеолит ва неолит дар терр. Б. одам зиндагӣ мекардааст. Дар а. 14 дар ин ҷо иттиҳоди давлатҳое вуҷуд доштанд, ки дар онҳо муносибатҳои патриархалӣ бо унсурҳои феодалӣ ва ғуломдорӣ зич алоқаманд буданд. Маълумотҳои аввалин дар бобати королии Б., ки он диг. давлатҳои хурдро тобеи худ гардонда буд, ба а. 17 тааллуқ доранд.

Дар а. 15 ба соҳилҳои Б. европоиҳо: аввал португалиҳо, баъд ғуломфурӯшону савдогарони голландӣ, франсавӣ ва англис фуромаданд. Онҳо мамлакатро ба калонтарин маркази ғуломфурӯшӣ табдил доданд (номи «Соҳили ғуломон» аз ҳамин ҷост). Дар рафти тақсими Африка дар охири чорьяки сеюми а. 19 Б.-ро Франция забт ва баъди ҷанги чорсола (1890—94) онро мустамликаи худ гардонд; с. 1904 Б. ба ҳайати Африкаи Ғарбии Франция дохил карда шуд. Б.-и мустамлика ба мамлакати якказироат (парвариши дарахти хурмои равғандеҳ) табдил ёфт.

Муборизаи дурударози халқҳои Б. ба муқобили мустамликадорон, махсусан баъди торумор гардидани Германияи фашистӣ дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ вусъат ёфт. С. 1958 ҳукумати Франция ба Б. мухторият дод: июли 1960 вай маҷбур шуд ба шартномаи истиқлолияти Б. имзо кунад; 1 авг. 1960 истиқлолияти Б. эълон шуд. Дар айни ҳол шартномаҳои апр. 1960 бо Франция басташуда мавқеъҳои Францияро дар соҳаҳои асосии ҳаёти иқтисодию сиёсии мамлакат мустаҳкам медоштанд. Дар давоми 12 соли аввали мустақилият вазъи сиёсии мамлакат ноустувор буд; дар ин солҳо 5 табаддулоти ҳарбӣ ба амал омада, ҳукумат 10 бор иваз шуд. 26 окт. 1972 як гурӯҳ офицерон бо сардории Матье Кареку ба сари ҳокимият омад. Кареку сардори ҳукумати ҳарбии революционӣ ва президенти мамлакат шуд. Ҳукумати нав ба гузаронидани дигаргуниҳое, шурӯъ намуд, ки ба баланд бардоштани роли давлат дар иқтисодиёти мамлакат, барҳам додани ҷудоии қабилаҳо, ришвахӯрӣ, маҳдуд гардондани таъсири капитали хориҷӣ дар иқтисодиёт нигаронида шуданд. Президент Кареку 30 нояб. 1974 ба халқ муроҷиат карда гуфт, ки мамлакат ба роҳи сохтмони ҷамъияти социа-

листӣ дохил мешавад. Б. дар соҳаи сиёсати беруни муносибати худро бо Франция нигоҳ дошта, кӯшиш дорад бо мамлакатҳои диг. васеъ ҳамкорӣ кунад; он дар кори Ташкилоти ягонагии Африка, дар ҳаракати мамлакатҳое, ки ба блокҳо ҳамроҳ нашудаанд, фаъолона иштирок дорад. Ҳукумати Б. алоқаҳои худро бо СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ, бо давлатҳои тараққипарвари Африка, Осиё ва Америкаи Лотинӣ мустаҳкам мегардонад. Муносибатҳои дипломатии байни Б. ва СССР с. 1962 муқаррар шудаанд.

Партияҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Партияи революционии Бенин. С. 1975 ташкил шуд. Иттиҳоди миллии иттифоқҳои касабаи меҳнаткашони Бенин. С. 1974 таъсис ёфт.

Хоҷагӣ. Б. мамлакати иқтисодиёташ сусттараққикардаи аграрист. Дар иқтисодиёти он ширкатҳои хоричӣ, асосан ширкатҳои франсавӣ мавқеи ҳукмрон доштанд. Баъди ба сари ҳокимият омадани ҳукумати ҳарбии революционӣ корхонаҳои калон ва банкҳо миллӣ кунонида, фаъолияти капитали хоричӣ дар мамлакат маҳдуд гардонда шуд. Баъзе соҳаҳо, аз ҷумла нақлиёт, истеҳсол ва тақсими қувваи электр, таъмини об, тайёр кардани маҳсулоти х. қ., корҳои экспорту як қисми импорт ва ғ. таҳти назорати давлатанд. Х. қ. дар иқтисодиёт роли калон мебозад. Ҳоҷагиҳои нимпатуравӣ ва майдамолӣ аксариятро ташкил медиҳанд, заминдории общинагӣ боқӣ мондааст. Соҳаи асосии х. қ. растанипарварист. Аз зироатҳои озуқаворӣ дар Ҷ.: маниок, ямс, батат, ҷуворимакка, ҷувори, дар Шим.: шолӣ, инчунин пахта, чормағзи заминӣ, қаҳва, какао, тамоку мепарваранд. Аз чорво говмеш, гӯсфанду буз ва хук парвариш меёбад. Моҳигирӣ низ ривоҷ ёфтааст.

Саноат суст тараққӣ кардааст, ҳиссаи он дар маҳсулоти умумии дохилӣ 13,3% (1971) мебошад. Соҳаҳои саноати коркарди маҳсулоти х. қ. ва истеҳсоли молҳои серистеъмол бештар тараққӣ кардаанд. З-дҳои равғани хурмо, пахта, пиво, ф-каҳои гулпартоии газвор, истеҳсоли маснуоти канабӣ, пойафзол, з-дҳои клинкёр, васли велосипед, мопед ва автомобиль мавҷуданд. Корхонаҳои саноатӣ дар Котону ва атрофи он ҷой гирифтаанд. Бофандагӣ, кулолӣ, оҳангарӣ ва ғайра инкишоф ёфтааст. Тӯли р. о. қариб 600 км, роҳҳои автомобильгард 6,6 ҳаз. км. Бандари баҳрӣ — Котону; аэропорти байналхалқӣ низ дорад. Б. ба хорича асосан маҳсулоти хурмои равғандеҳ (35% экспорт, с. 1971), пахта, чормағзи заминӣ, қаҳва, какао бароварда, аз хорича таҷҳизот ва молҳои саноатӣ, озуқавори, маҳсулоти нефть меоварад. Шарикони асосии савдояш Франция РФҒ, ШМА. Воҳиди пул—франки африкой = 0,02 франки франсавӣ.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1970 ба ҳар 1000 наф. таваллуд 50,9 фавт, фавти кӯдакон ба 1000 кӯдаки навзод 109,6 наф. буд. Дарозии умр ба ҳисоби миёна 37,3 сол. Бемориҳои сироятӣ ва ангалӣ бештар паҳн шудаанд (варача, исҳоли хунин, махав, сил ва ғ.). С. 1970 дар мамлакат 98 беморхонаи дорои 5033 кат (1,8 кат ба 1000 наф.) мавҷуд буд, аз он ҷумла 3 беморхонаи дорои 380 кат дар деҳот. С. 1971 дар муассисаҳои тиббӣ 93 духтур (1 духтур ба 30 ҳаз. аҳолӣ), 11 ёрдамчии духтур, 5 духтури дандон, 26 фармацевт, 61 моманди, 277 ҳамшираи шафқат кор мекард.

Маориф. Дар ибтидои с. 1970 зиёда аз 90% аҳолии калонсол бесавод буд. Системаи маорифи халқ мактаби 6-солаи ибтидоӣ, мактаби миёнаи нопурра — коллеҷи маълумоти умумӣ (муддати таҳсил 4 сол) ва мактаби миёна — лицей (муддати таълим: 7 сол)-ро дарбар мегирад. Таълим ҳатмӣ нест. Бачаҳо ба мактаб аз 6-солагӣ мераванд. Дар қатори мактабҳои давлатӣ мактабҳои хусусӣ низ ҳастанд. Таълим ба забони франсавӣ. Соли таҳсили 1971/72 дар мактабҳои ибтидоӣ 186 ҳаз. талаба (ё қариб 33% бачаҳои синни таълими ибтидоӣ), дар мактабҳои миёна 27 ҳаз. талаба, дар системаи тайёрии касбӣ зиёда аз 2 ҳаз. талаба мехонд. Тайёрии касбӣ дар базаи мактаби ибтидоӣ мегузарад. Соли таҳсили 1971—72 дар системаи тайёр кардани муаллимони мактабҳои ибтидоӣ зиёда аз 2,5 ҳаз. хонанда буд. С. 1970 дар Котону ун-т таъсис гардид, ки он соли таҳсили 1972—73 зиёда аз 1 ҳаз. студент дошт. Дар Порто-Ново Китобхонаи миллӣ, дар Котону ва Абомей музей ҳаст.



Нақшу нигори даромадгоҳи қасри ҳоким.

Ад.: Кузнецов В., Лунев Н., Дагомея, М., 1974.

БЕННЕТТИТИҲО (Bennettitales), гурӯҳи растаниҳои дарахтшакли лучтухм. Б. аз номи ботаники англис Ч. Беннетт аст. Б. барги паршакл, баъзан оддӣ; гули дуҷинсаи дар багали барг ҷойгиршуда (дар аксари Б.) доранд. Қариб 20 авлоди Б. маълум аст. Тахмин мекунанд, ки Б. аз сархасшаклҳои палеозой пайдо шуда, дар охири давраи бӯр аз байн рафтанд.

БЕНТАЛЬ (аз англ. benthal ва аз юн. benthos — чуқурӣ), ҷои зисти организмҳои гуногуни зеробӣ дар уқьёнус, баҳр, кӯл ва обанборҳо. Наботот ва ҳайвоноти зеробиро *бентос* меноманд.

БЕНТОС (юн. benthos — чуқурӣ), маҷмӯи организмҳое, ки дар рӯй ё дарунии лойқаи баҳрҳо ва ҳавзаҳои оби материкҳо зиндагӣ мекунанд. Қисми ба соҳил наздики уқьёнус бисьёртар ва қисми чуқури уқьёнус камтар Б. доранд. Б. ҳайвонӣ (зообентос) ва набототӣ (фитобентос) мешавад. Бо тарзи зиндагӣ Б.-ро ба мукимӣ ва кӯчманчӣ ҷудо мекунанд. Организмҳои Б. аз рӯи андозаашон ба калонҷусса (макробентос), миёна (мезобентос) ва майда (микробентос) ҷудо мешаванд. Дар баҳрҳо зообентосро асосан *исфанҷҳо, рӯдаковокҳо, нармбаданҳо, харчангшаклҳо, сӯзанпӯстҳо,* асцидиянҳо ва *моҳиҳо* ва фитобентосро бактерияҳо ва обсабзҳо, дар соҳилҳо баъзе растаниҳои гулдор (зостера, руппия ва ғ.) ташкил мекунанд. Қисми бештари Б.-и баҳрро чун хӯрок (устрица, мидия, краб, креветка, моҳиҳо, ламинария, порфира, зостера ва ғ.) ё чун ашьёи техникӣ истифода мебаранд. Баъзе Б.-ҳо ба таги киштӣ часпида, суръати киштиро суст мекунанд.

БЕПӮЛ, шоири тоҷик, ниг. *Савдо* Абдулқодирхоҷа.

БЕРАНЖЕ (Beranger) Пьер Жан (19. 8. 1780, Париж — 16. 7. 1857, хамон ҷо), шоири франсавӣ. Аз хурдсолӣ идеяҳои Рев. Каб. Франсияро дарк кардааст. Аввалҳо дар таҷлиди жанрҳои олии классицизм шеър менавишт, вале зуд ба суруднависӣ рӯ оварда дар ин соҳа устоди баркамол гардид. Дар даврои Империяи якум (1804—14) ашъори ҳаётдӯстона ва ҳаҷвҳои мутобаҳӣ ниҳо мекард. Дар ин солҳо Б. ба ғайри суруди «Шоҳ Ивето» (1813), ки Наполеони I-ро бо киноя ҳаҷв мекард, ҳаҷвиёти сиёсӣ кам дорад. Дар солҳои Барқарорқунӣ оҳанги сурудҳои Б. ба куллӣ тағйир ёфтанд: ӯ адоватро ба мардумро нисбат ба Бурбонҳо ва реакцияи дворяниюи католикӣ ифода кардааст. Барои маҷмӯаи сурудҳояш ду бор (1821 ва 1828) ҳабс шудааст. Б. дар ҷустуҷӯи роҳи озодӣ ба социализм хаёлӣ рӯ оварда, устодони онро васф кардааст («Девонагон»). К. Маркс Б.-ро «зиндаи ҷовид» номида буд. Дар матбуоти тоҷик тарҷумаи ҷанде аз шеърҳои Б. чоп шудаанд.

БЕРГ Аксель Иванович (тав. 10. 11. 1893, Оренбург), радиотехники совети, инженер-адмирал, акад. АФ СССР (1946, аъзокорр. 1943), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1963). Аъзои КПСС аз с. 1944. Академиаи Ҳарбии Баҳрии Ленинградро хатм кардааст (1925). С-ҳои 1924—43 муаллими мактабҳои олии Ленинград (аз с. 1930 проф.). С-ҳои 1932—37 сардори Ин-ти тадқиқоти илмии алоқаи қувваҳои ФҲБ-и Армияи Сурх, аз июли 1943 то окт. 1944 ҷонишини комиссари халқии саноати электрикӣ, 1943—47 ҷонишини раиси совети оид ба радиолокация. Аз 1951 Б. директори Ин-ти радиотехника ва электроникаи АФ СССР. 1953—57 ҷонишини вазири мудофиа. Б. яке аз олимони барчастаи соҳаи кибернетика, муаллифи корҳои илмии сершумор оид ба радиотехника мебошад. Оид ба генераторҳои лампаи электронӣ, радиоприёмник, радиопеленгация, радиолокация ва ғ. тадқиқот бурдааст. Бо ташаббус ва роҳбарии Б. чандин ин-тҳои илмии тадқиқотӣ ва з-дҳо сохта шудаанд. Аз 1950 то 1960 Б. раиси совети Умуминиттифоқии АФ СССР оид ба радиофизика ва радиотехника буд. Барои корҳои илмиаш доир ба радиотехника с. 1951 АФ СССР Б.-ро бо медали тиллои ба номи А. С. Попов сарфароз гардонид. Бо 3 ордени Ленин, 6 ордени диг. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БЕРГ Лев Семёнович (14. 3. 1876, Бендеры — 24. 12. 1950, Ленинград), географ ва биологи совети, акад. АФ СССР (1946; аъзокорр. аз 1928). Ходими Хизматнишондодаи Илми РСФСР (1934). С. 1898 фак-ти табиатшиносии Ин-ти Москваро хатм кардааст. С-ҳои 1914—18 проф. ихтиологияи Ин-ти х. қ.-и Москва, аз 1916 проф. кафедраи географияи табиии Ун-ти Петербург. Ӯ то охири умраш ба кафедраи географияи табиии ҳамин ун-т роҳбарӣ намуд. С-ҳои 1922—34 мудири шӯъбаи ихтиологияи амалии Ин-ти агрономияи таҷрибавӣ, 1918—30 мудири шӯъбаи кӯлшиносии Ин-ти давлатии гидрологӣ, аз с. 1934 мудири лабораторияи моҳиҳои ҳафриётии Ин-ти зоология, 1940—50 президенти Ҷамъияти географҳои СССР. Б. асосгузори таълимот дар бораи ландшафтҳо буда, таълимоти В. В. Докучаевро дар бораи зонаҳои табиӣ такмилу инкишоф дод. Б. кӯлҳои Сибири Ғарбӣ, б. Арал, кӯлҳои Балхаш, Иссиққӯл, Севан, Ладогаро тадқиқ кардааст. Дар инкишофи палеоклиматология ва климатология ҳиссаи муҳим гузошт. Б. аввалин бор схемаи рельефи ноҳияҳои Осиёи Миёнаро пешниҳод кардааст. Б. с. 1906 чандин пирьяхҳои қ-кӯхи Туркистонро кашф намуда, гербарий ва коллекцияи бои зологӣ ҷамъ овард. Монографияи ӯ доир ба моҳиҳои Туркистон (1905) маҳсусан муҳим аст. Барои асари «Моҳиҳои оби ширини СССР ва мамлакатҳои ҳамшафат» («Рыбы пресных вод СССР и сопредельных стран», ч. 1—3, 1948—49) сазовори лауреати Мукофоти давлатии СССР шуд (1951). Ба яке аз қулла ва пирьяхҳои Помир, инчунин ба вулқони ҷаз. Уруп, димоғаи ҷаз. Революцияи Октябрь, пирьяхи Алатови Ҷунгар номи Б.-ро додаанд. Ӯ бо 2 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Избр. труды, т. 1—5, М., 1956—1962.

Ад.: Правдин И. Ф., Чепурнов В. С., Академик Лев Семенович Берг (1876—1950), Кишинев, 1956; Мурзаев Э., Жизнь есть деяние. К 100-летию со дня рождения академика Л. С. Берга, М., 1976.

БЕРГЕН (Bergen), шаҳр ва бандар дар ғарби Норвегия, дар соҳили Б. Шимолӣ. Бандари асосии экспорти моҳӣ. Аҳол. 116 ҳаз. наф. (1969). Дуюмин шаҳри сернуфус ва маркази иқтисодии мамлакат (баъди Осло). Соҳаҳои асосии саноат: киштисозӣ, мошинсозӣ, хӯрокворӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, моҳидорӣ. Ун-т (1946), ин-ти тадқиқоти илмӣ, мактаби олии савдо, музейҳои ихтиологӣ ва моҳигирӣ дорад. Б. тақр. с. 1070 буньёд ёфтааст. Дар асрҳои миёна яке аз марказҳои калонтарини Европаи Шим. Ғарбӣ буд.

БЕРДАҚ (тахал.; номаш Бердимуроди Қарғабой; 1827—1900), шоири қарақалпоқ. Дар оилаи бенаво таваллуд ёфта, дар мактаб савод баровардааст. Б. муаллифи ашъори лирикӣ, ҳаҷвӣ, панду насиҳат ва достонҳои таърихӣ («Айдос бий», «Амонгелдӣ», «Эрназар бий» ва ғ.) мебошад. Ӯ ба муқобили зулми иҷтимоӣ ва таҳқир кардани зан баромадааст. Дар достони «Шоҳи аҳмақ» муборизаи халқро ба муқобили ҳокимони золим тасвир кардааст. Асарҳои Б. то Рев. Октябрь ба воситаи ҳофизону гӯяндагони халқӣ даҳанакӣ паҳн шуда, дар замони Советӣ ба табъ расидаанд (Мунтахаби ашъор, 1956, ба забони русӣ 1958).

БЕРДЯНСК (аз 1939 то 1958— Осипенко), шаҳр дар вил. Запорожияи РССУ. Бандари соҳили б. Азов. Ст. р. о. Аҳол. 119 ҳаз. наф. (1977). З-дҳои мошинсозии х. қ., мошинҳои роҳсозӣ, кабель, коркарди нефть, инчунин корхонаҳои саноати пойафзол, дӯзандагӣ ва хӯрокворӣ дорад. Дар Б. ин-ти педагогӣ, техникумҳои мошинсозӣ, токдорӣ ва вино, омӯзишгоҳи тиббӣ, музейҳои бадеӣ ва кишваршиносӣ ҳаст. Аз Б. 5 км дуртар дар назди баҳр курорти табобат бо лой воқеъ аст, ки дар он касалиҳои узвҳои ҳаракат, системаи асаб, касалиҳои занона, узвҳои нафас муолиҷа карда мешаванд. Санаторияҳо барои калонсолону бачаҳо, хонаҳои истироҳат ва ғ. мавҷуданд.

БЕРЕГОВОЙ Георгий Тимофеевич (тав. 15. 4. 1921, деҳаи Фёдоровкаи р-ни Карлов, вил. Полтава), лётчик - кайҳоннавардди СССР, генерал-лейтенанти авиация (1977), ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944, 1968), Лётчик - Санҷишгари Хизматнишондодаи СССР (1961), помзади илмҳои психология (1974). Аъзои КПСС аз с. 1943. Пас аз хатми мактаби лётчикҳои ҳарбии Луганск (1941) дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (аввал лётчик, баъд командири эскадрильяи авиацияи ҳамлавар) иштирок кардааст. С. 1956 Академияи ҳарбии ҳавоӣ (ҳоло ба номи Ю. А. Гагарин)-ро хатм намуд. С-ҳои 1948—64 лётчики санҷишгар. Аз с. 1964 дар отряди кайҳоннавардон. 26—30 окт. 1968 Б. дар киштии кайҳонии *«Союз-3»* атрофи Заминро 64 маротиба давр зад. Дар тӯли 95 соати парвоз бо

усулҳои гуногуни ориентация дар мадор манёври чандинкаратаи «Союз-3» ва наздикшавии дукаратаи он бо киштии кайҳонии «Союз-2» ба амал оварда шуд. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 8—9), Қаҳрамони Меҳнати Социалистии РҲБ (1970). Бо 2 ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурх, 6 ордени диг. ва медальҳо, инчунин бо орденҳои давлатҳои хорича мукофотонида шудааст.

БЕРЕЗИНА, дарёе дар РССБ, шохоби рости Днестр. Тӯлаш 613 км, масоҳ. ҳавзааш 24 500 км². Аз шим. Баландии Минск оғоз гардида, дар ҳамвории Березинаи Маркази ҷорӣ мешавад. Шохобҳои калонаш: аз чап — Бобр, Клева, Ольса, Ола; аз рост — Гайна, Свислочь. Сарфи миёнаи солонаи об дар резишгоҳ 145 м³/сон. Аз резишгоҳ то андароби д. Сергуч (505 км) — киштигард. Б. ба системаи обии Березина мансуб буда, ҳавзаҳои Днепру Двинаи Ғарбиро менайвандад. Дар соҳилҳои Б. ш.-ҳои Борисов, Бобруйск воқеанд.

БЕРЕЗНИКИ, шаҳр дар вил. Перми РСФСР. Бандари соҳили чапи д. Кама. Ст. р. о. Аҳол. 176 ҳаз. нафар (1977). Дар наздикии конҳои калони намаки ош, калий ва магний воқеъ гаштааст. Маркази калони саноати химиявии СССР. Корхонаҳои калонаш: з-ди нурҳои нитрогени, комб. ҳои химия, калий, титану магний ва диг. Дар Б. инчунин аммиаки сунъӣ, сода, рангубор, масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ ва г. истеҳсол мекунанд. Фак-ти умумитехникии ин-ти политехникии Пермь, техникумҳои химияю механика ва сохтмон, омӯзишгоҳҳои тиббӣ ва мусиқӣ мавҷуданд. Дар Б. аз а. 16 намак истеҳсол мекарданд. С. 1883 нахустин дар Россия з-ди сода сохтаанд. Театри драма, музеи кишваршиносӣ дорад.

БЕРЕЗИН Илья Николаевич (31. 7. 1818, Пермь — 3. 4. 1896, Петербург), шарқшинос, проф. Ун-ти Қазон (1846) ва Петербург (1855). Ун-ти Қазонро с. 1837 хатм кардааст. Осори ӯ ба таърих, филология ва архитектураи Шарқи Наздик ва Миёна оид аст. Б. с-ҳои 1842—45 ба Дағистон, Закавказия, Туркия ва Эрон сафар карда китоби «Сафари Шарқ» (ҷ. 1—2, 1850—52)-ро навишт. «Маҷмаъ-ут-таворих»-и Рашидуддинро ба руси тарҷума карда, бо таҳзеҳ ва сарсухан нашр кардааст. Ба тавассути Б. китобҳои «Китобхонаи муаррихони шарқӣ» (1849—1854), «Луғати энциклопедии русӣ» (ҷ. 1—16, 1873—1879) аз чоп баромадаанд. У дар Россия аввалин дастури забони форсӣ «Грамматикаи забони форсӣ»-ро тартиб додааст (1858). *Б. Бобохонов.*

БЕ́РИ-БЕ́РИ, полиневрити эндемӣ, авитаминози B_1, беморие, ки дар натиҷаи дар организм нарасидани витамини B_1 ба вуҷуд меояд. Ниг. низ *Камвитаминӣ*.

БЕРИЛЛ (юн. bēryllos), минерал, силикати бериллий ва алюминий. Форм. химиявиаш $Al_2Be_3[Si_6O_{18}]$ буда, вале аз сабаби дар таркиби худ ишқорҳо (Na, Cs, Rb), Li, Mn, Fe^{2+}, Fe^{3+}, Cr^{3+}, инчунин об, газҳои гелий, аргон доштанаш хеле мураккаб аст. Системаи кристаллбандиаш гексагонали, аксар дар шакли призмаи шашқирра вомехӯрад. Ҷилояш шишагун. Рангаш сабзи равшан, сабзи зардтоб ё зард, осмонирангу, баъзан гулобӣ ва г. Сахтиаш 7,5; зичиаш 2650—2800 кг/м³. Б.-и осмонирангу сабзтоби шаффофро аквамарин, сабзи баланди шаффофи таркибаш хромдоштаро зумуррад, гулобиранги мангандорро воробьёвит меноманд. Б. дар пегматитҳои гранитӣ, грейзену скарнҳо, конҳои пневматолиту гидротермалӣ ба вуҷуд меояд. Б. минерали муҳимест барои ҳосил кардани *бериллий*. Навъҳои хупиранг ва шаффофи Б. (аквамарин, зумуррад) ҳамчун санги қиматбаҳо дар заргари истифода мешаванд.

БЕРИЛЛИЙ (лот. Beryllium), Be, элементи химиявии гурӯҳи II системаи даврии Менделеев, рақами ат. 4, массаи ат. 9,012. С. 1798 дар намуди оксидаш BeO, ки аз минерали *беريлл* ҷудо карда шуд, Л. Воклен кашф кардааст. Б.-и металлиро аввалин бор с. 1828 Ф. Вёлер ва А. Бюсси аз ҳамдигар бехабар ҳосил намуданд. Б. як изотопи собит ^9Be ва якчанд изотопҳои радиоактив дорад. Б. $6 \cdot 10^{-4}$% массаи қишри Заминро ташкил медиҳад. Дар таркиби минералҳои бериллий, фенакит, гельвин ва г. мавҷуд аст. Б. металли сабук ва сахти хокистарранг, t гуд. 1284° С, t ҷӯш 2450° С, зичиаш 1847,7 кг/м³. Дар ҳаво бо пардаи муҳофизи BeO пӯшида мешавад. Дар шароити муқаррарӣ ба таъсири оксиген ва об тобовар аст. Ҳангоми гарм кардан бо оксиген, нитроген, галогенҳо ва диг. моддаҳои содда ба реакция медарояд. Б. бо гидроген бевосита найваст намешавад. Валенташ 2. Дар кислота ва ишқор ҳал мешавад; бо ишқор бериллат ном намакҳо (мас., Na_2BeO_2); бо кислотаҳои органикӣ (мас., формиат, ацетат) намакҳои оксигендор ҳосил мекунад. Б.-ро бо усулҳои гуногун аз минерали беريлл ҳосил мекунанд. Соҳаҳои асосии истифодаи Б.: истеҳсоли хӯлаҳои бериллий; бериллонии пӯлод, техникаи авиационӣ, ракетӣ, атомӣ ва кайҳонӣ; асбобсозӣ; манбаи нейтронӣ (бо омехтаҳои радий ва плутонӣ). Пайвастҳои бухоршавандаи Б. захрноканд. Б. дар бофтаи бештари растанӣ ва ҳайвонот мавҷуд аст.

Ад.: Рейхман М. Б., Бериллий, М., 1959; Беляев Р. А., Окись бериллия, М., 1962. *А. И. Новиков.*

БЕ́РИНГ (Bering) Витус Ионассен (1681—8. 12. 1741), баҳрнавард, офицери флоти рус, капитан-командор. Ватанаш — Дания. С. 1703 ба хизмати русҳо даъват шуд. То с. 1724 дар флотҳои Балтика ва Азов шино кард. С. 1725 роҳбари экспедицияи 1-уми Камчатка (1725—30) таъин шуд, ки мақсади он ҳал намудани масъалаи вуҷуд доштани гардана ё гулӯгоҳи байни Осиё ва Америка буд. Экспедиция соҳилҳои шарқии Камчатка, соҳилҳои ҷан шарқии Чукотро давр зада, аз гулӯгоҳ (дертар номи Б.-ро гирифт) гузашта, то 67°18′ а. ш. расид. Вале ҳангоми аз гулӯгоҳ гузаштан хушки аз назари он дур монда, масъалаи вуҷуд доштани гулӯгоҳро ҳал накарда баргашт. С. 1733 Б. роҳбари экспедицияи 2-юми Камчатка таъин шуд. Вай мебоист Сибирро тай карда, аз Камчатка ба тадқиқи соҳилҳои Америкаи Шимолӣ мерафт. Бо ин мақсад 17 июли 1741 бо киштии «Св. Пётр» ба соҳилҳои Америкаи Шимолӣ расид. Баъзе ҷаз-ҳои Алеутро кашф намуд. Дар бозгашт ҳангоми зимистонгузаронӣ Б. дар ҷазирае, ки ҳоло номи ӯро гирифтааст, вафот кард. Баҳреро ҳам дар шим. уқ. Ором ба номи Б. мондаанд.

Ад.: Греков В. И., Очерки из истории русских географических исследований в 1725—1765 гг., М., 1960.

БЕ́РИНГ, Баҳри Беринг, баҳри нимкушоди уқ. Ором, байни материкҳои Осиё дар Ғ. (СССР), Америкаи Шимолӣ дар Ш. (ШМА), ҷаз-ҳои Командор (СССР) ва Алеут (ШМА) дар Ҷ. Аз Шим. онро нимҷаз-ҳои Чукот ва Сьюард иҳота кардаанд. Масоҳ. 2304 ҳаз. км². Чуқуриаш ба ҳисоби миёна 1598 м, ҷои чуқуртаринаш 4191 м. Ҳаҷми об 3683 ҳаз. км³. Соҳилҳояш баланди шахдор. Халиҷҳои калонаш: Анадырь, Олютор (СССР), Нортон, Бристоль (Аляска, ШМА). Ҷаз-ҳои калонаш: Карагинск, Ҳазрати Лаврентий, Нунивак, Прибылов, Ҳазрати Матвей. Ба Б. д-ҳои Анадырь, Апука, Юкон ва г. мерезанд. Тобистон ҳарор. об дар Шим. 5°—6° С, дар Ҷ. 9°—10° С. Шӯрии об 30—33‰. Зимистон ях мебандад. Аз Б. гулмоҳӣ, шӯрмоҳӣ, равганмоҳӣ, лосось, кит, гурбаи баҳрӣ, тюлень ва г. шикор мекунанд. Бандарҳояш: Провидения (СССР) ва Ном (ШМА).

БЕ́РИНГ, ҷазираи Беринг, яке аз ҷаз-ҳои ғарби гурӯҳи ҷаз-ҳои Командори б. Беринг (вил. Камчаткаи РСФСР). Масоҳ. 1660 км². Баландиаш аз с. б. то 751 м. Қисми ҷан. шарқии ҷазира — кӯҳсор. Иқлимаш баҳрии субарктикӣ. Боришоти солона 500 мм. Б.-ро набототи тундравӣ пӯшидааст. Аз ҳайвонҳо гурбаи баҳрӣ, сагобӣ, тюленьҳо вомехӯранд. Аҳолӣ — русҳо, алеутҳо. Дар Б. комб. ҳайвонҳои баҳрӣ ҳаст. Ҷазира ба шарафи кашфкунандааш — *В. Беринг* номида шудааст.

БЕ́РИНГ, гулӯгоҳи байни материкҳои Осиё ва Америкаи Шимолӣ, ки уқ. Яхбастаи Шимолӣ (б. Чукот)-ро бо уқ. Ором (б. Беринг) менайвандад. Бараш 35—86 км, чуқуриаш то 42 м.

Бо ҷаз-ҳои Диомида ба 3 гузаргоҳ ҷудо мешавад. Моҳҳои окт.—авг. яхпӯш аст. Аз байни ҷаз-ҳои Диомида сарҳади СССР ва ШМА мегузарад. Дар давраи антропоген дар ҷои ҳозираи гул. Б. якчанд маротиба хушкӣ ба вуҷуд омадааст. Аз гулӯгоҳи Б. аввалин бор с. 1648 С. И. Дежнёв ва Ф. А. Попов, с. 1728 экспедиция бо роҳбарии В. И. Беринг, ки гулӯгоҳ ба шарафи ӯ номида шудааст, гузаштаанд.

БЕРИТАШВИЛИ (Беритов) Иван Соломонович (10. 1. 1885, деҳаи Веджини губ. Тифлис — 29. 12. 1974, Тбилисӣ), физиологи советӣ, акад. АФ СССР (1939), АИТ СССР (1944), АФ РСС Гурҷ. (1941), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1964), асосгузор ва роҳбари мактаби физиологҳо дар Гурҷистон. Ун-ти Петербургро хатм кардааст (1910). Б. проф. Ун-ти Тбилисӣ (1919), директори Ин-ти физиология дар назди Ун-ти Тбилисӣ (1935), роҳбари илмии Ин-ти физиологияи АФ РСС Гурҷ. (аз с. 1951) буд. Доир ба физиологияи системаи мушак ва асаб ва хусусан системаи асаби марказӣ асарҳо навиштааст. Б. кошифи хотири тасаввурӣ ва эмоционалӣ дар мӯҳрадорои мебошад. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1941). Бо ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Нервные механизмы поведения высших позвоночных животных, М., 1961; Структура и функции коры большого мозга, М., 1969.

БЕРКЛИ (Berkeley) Ҷорҷ (12. 3. 1685, Килкенни, Ирландия — 14. 1. 1753, Оксфорд), файласуфи англис, намояндаи идеализми субъективӣ. Б. дар Ун-ти Дублин таҳсил кардааст. Ӯ бар зидди мафҳуми материя, ҳамчун асоси моддии (ҷавҳари) ҷисм, таълимоти И. Ньютон дар бораи фазо ҳамчун макони тамоми ҷисмҳои табиӣ ва таълимоти Ҷ. Локк дар бораи пайдоиши мафҳумҳои материя ва фазо баромадааст. Мувофиқи ақоиди Б. хусусиятҳои ҷузъии ашёи алоҳидаро сарфи назар карда, мафҳумҳои умумии фазо ва материяро ба вуҷуд овардан мумкин нест: дарки ҳиссии материя ба мо бегона аст. Б. ҳастии материяро рад карда, танҳо мавҷудияти ҳастии рӯҳиро, яъне «идеяҳо» ва «ҷонҳо»-ро эътироф менамуд. «Идеяҳо» сифатҳои субъективӣ буда, ғайрифаъоланд, «ҷонҳо» баръакс фаъол ва сабаби дигар ҳодисаҳо ва ашёанд. Б. хулосаҳои идеализми субъективиро, ки ба *солипсизм* мебаранд, инкор карданӣ шуда, даъво мекард, ки субъекти дарккунанда ягона нест ва ашёеро, ки як субъект дарк намекунад, субъектҳои диг. дарк карда метавонанд. Вале агар ҳама субъектҳо аз байн раванд ҳам, ашёё чун маҷмӯи «идеяҳо» дар хиради худо — субъекти абадӣ мавҷудияти худро давом медиҳанд. «Беркли «идеяҳоро» натиҷаи ба ақли инсон таъсир бахшидани худо донista, ба ҳамин тариқ ба идеализми объективӣ наздик меояд» (Ленин В. И., Асарҳо, ҷ. 14, саҳ. 23). Фалсафаи Б., чунонки В. И. Ленин дар «Материализм ва эмпириокритицизм» нишон додааст, замина ва яке аз сарчашмаҳои назарияҳои субъективӣ — идеалистии фалсафаи буржуазии охири а. 19 — ибтидои а. 20 буд. Ниг. *Махизм*.

БЕРКЛИЙ (лот. (Berkelium), Bk, элементи химиявии радиоактив, мансуби *актиноидҳо*.

БЕРЛИН, Берлини Калон (Berlin, Groß-Berlin), шаҳр, аз с. 1871 то 1945 — пойтахти Германия. Дар андароби д. Шпре ва д. Хафель воқеъ буда, ба воситаи каналҳои кишти-гард бо д-ҳои Одер ва Эльба пайваст мешавад. Масоҳ. 890 км².

Б. аввали а. 13 аз ду маҳалла ба вуҷуд омада, с. 1307 ба шаҳр табдил ёфт. С. 1486 пойтахти Бранденбург, баъдтар Пруссия. С-ҳои 1848—49 Б. яке аз марказҳои асосии революцияи Германия (шӯриши мусаллаҳи 18. 3. 1848 ва диг.). Баъди муттаҳидшавии Германия Б. пойтахти империяи Германия. Дар давраи тараққиёти капиталистӣ шаҳр маркази капитали банкӣ, саноат ва тиҷорат гардид. А. 19—аввали а. 20 Б. ба шаҳри калони саноатӣ табдил ёфт. Аз охири а. 19 Б. яке аз марказҳои ҳаракати коргарони немис. Рӯзҳои революцияи нояб. 1918 дар Б. республика эълон гашт (9 нояб.) ва Б. пойтахти он шуд. С-ҳои 1933—45 — пойтахти «рейхи сеюм»-и гитлерчиён. С. 1945 — мувофиқи созишномаи байни иштирокчиёни коалицияи зиддигитлерӣ—СССР, ШМА, Британияи Кабир, Франция Б. ба 4 сектор тақсим гардид. Давлатҳои ғарб қарори конференцияи Потсдами с. 1945-ро вайрон карда, дар парламенти шаҳрӣ интихоботи сепаратӣ (1948) гузаронданд, ҳамин тавр 3 сектори қисми ғарбӣ ва қисми шарқии шаҳр ҷудо шуд. Дар қисми шарқии Б. бо ихтиёри худи меҳнаткашон магистрати демократӣ ташкил ёфт. 7. 10. 1949 дар Б. РДГ эълон шуд ва Б. мувофиқи конституция пойтахти он таъин гашт. Шаҳр ба 2 қисм ҷудо шуд: Берлини Демократӣ (пойтахти РДГ) ва Берлини Ғарбӣ.

Берлин. (РДГ). Ансамбли ёдгорӣ ба аскарони Армияи Советӣ, ки дар ҷанги зидди фашизм ҳалок шудаанд.

БЕРЛИН (Berlin), пойтахти Республикаи Демократии Германия. Масоҳ. 403 км². Аҳол. 1095 ҳаз. наф. (1976). Ба р-нҳои маъмурии Митте, Пренцлауэр-Берг, Фридрихсхайн, Трептов, Кёпеник, Лихтенберг, Вейсензе, Панков тақсим мешавад. Б. статуси округи РДГ-ро дорад. Органи ҳокимият маҷлиси шаҳрии депутатҳо буда, он органи иҷроия — магистратро интихоб мекунад. Баъди ташкил ёфтани РДГ дар Б. 10. 10. 1949 маросими ботантана супурдани ҳамаи ваколати маъмурӣ ба ҳукумати РДГ барпо шуд, ки пештар дар ихтиёри Маъмурияти ҳарбии советӣ буд. Дар пойтахти РДГ идораю муассисаҳои давлатӣ: Палатаи Халқӣ, Совети давлатӣ, Совети Вазирон, Совети миллии фронти миллии мудофиа, вазоратҳо ва ғ. ҷой гирифтаанд. Б.—маркази асосии иқтисодӣ ва мадании РДГ. Зиёда аз 90% маҳсулоти сано-

Берлин (РДГ). Карл-Маркс-алле.

Берлин (РДГ). Кӯчаи Унтер-ден-Линден. Дар мадди охир Дарвозаи Бранденбург.

ат дар корхонаҳои сектори социалистӣ, 7% дар сектори омехта ва 2,2% дар сектори хусусӣ истеҳсол мегардад. Соҳаҳои асосии саноаташ: электротехникӣ, хӯрокворӣ, химия, дӯзандагӣ, саноати сабук ва вазнин, мошинсозии умумӣ ва нақлиёт. Б.— маркази муҳими нашриёти полиграфӣ. Корхонаҳои калонаш: з-ди аппаратураҳои электрикӣ ва станцияи электрикии Клингенберг, з-ди трансформатори ба номи К. Либкнехт, з-дҳои кабель, радио, телеэлектроника, мошинсозии электрикии «Бергман-Борзиг»; ф-каи дӯзандагии «Фортшритт» ва диг. Б.— маркази нақлиёти европой ва бандари муҳими дарьёи. Дар ҳудуди шаҳр қариб 11,5 ҳаз. га майдони х. к., аз ҷумла 4,5 ҳаз. га боғу зироати полизи ҳаст. Программаи васеи азнавсозӣ ва сохтмони шаҳр амалӣ гардонда шуда, ёдгориҳои меъмории барқарор ва кучаи Карл Маркс, ин-тҳо, бисьёр корхонаҳои саноатӣ, мактабу касалхонаҳо, муассисаҳои бачагона, маданию маишӣ ва ғ. бино ёфтаанд. Дар Б. Совети ичроияи халқии РДГ, АФ, АФ х. к., Академияи сохтмон, академияи санъат, Ун-ти ба номи Гумбольдт, мактаби олии партиявии ба номи К. Маркс, Ин-ти фанҳои ҷамъиятшиносии назди КМ Партияи Ягонаи Социалистии Германия ва диг.; бисьёр ин-тҳои илмии иқтисоди, техникӣ; музейҳои давлатӣ: Музеи таъриҳи халқи немис, Музеи кишваршиносӣ ва г. мав ҷуданд. Дар Б. як қатор съезд, конференция ва слётҳои муҳими байналхалқӣ (аз ҷумла Фестивали умумиҷаҳонии ҷавонон ва студентони с. 1951, конференция ва маҷлисҳои СЭВ ва ғ.) шуда гузаштааст.

БЕРЛИНГУЭР (Berlinguer) Энрико (тав. 25.5.1922, Сассари, Сардиния), ходими ҳаракати коммунистии Италия ва коргарии байналхалқӣ, ҳуқуқшинос. Аъзои ПКИ аз с. 1943. С. 1937 дар ҳаракати зиддифашистӣ иштирок кард. Котиби ташкилоти коммунистии ҷавонони музофоти Сассари буд. С. 1945 баъди аз фашистони истилогари немис озод шудани Италия (мамлакатро с. 1943 ишғол карда буд) Б. аъзои Котиботи Иттифоқи коммунистии ҷавонон интихоб гардид. Номзад ба аъзоии КМ ПКИ (аз с. 1946), аз с. 1948 аъзои КМ ПКИ ва номзад ба аъзоии Роҳбарияти ПКИ. С-ҳои 1950—56 котиби Федерацияи коммунистии Италия. С-ҳои 1950—53 президенти Федерацияи умумиҷаҳонии ҷавонони демократ. Аъзои Роҳбарияти ПКИ аз с. 1960, 1958—60 ва 1962—66 аъзои Котиботи ПКИ, баъдтар котиби комитети вил. ПКИ дар Лацио. Депутати парламент (аз с. 1969). Аз февр. 1969 ҷонишини котиби генералӣ ва аз с. 1972 котиби генералии ПКИ. Дар съездҳои 24—25-уми КПСС сардори вакилони ПКИ буд. Вакили Маҷлиси машваратии партияҳои коммунистӣ ва коргарии байналхалқӣ дар Москва (1969).

БЕРЛИНИ ҒАРБӢ (West-Berlin), воҳиди махсуси сиёсӣ, ки дар резишгоҳи д. Шире ва д. Ҳафель воқеъ гаштааст. Масоҳ. 480 км². Аҳол. 1985 ҳаз. (1975). Дар натиҷаи шартҳои *Конференцияи Потсдамро* вайрон кардани ҳукуматҳои мамлакатҳои Ғарб ва ба қисмҳо тақсим шудани Берлин ба вуҷуд омад. 5 дек. 1948 интихобот ба парламенти Б. Ғ. шуда гузашт. 1 окт. 1945 Конституцияи махсуси Б. Ғ. қабул гардид. С. 1958 СССР ва РДГ таклиф карданд, ки Б. Ғ. ба шаҳри озод табдил дода шавад. Вале давлатҳои Ғарб ин таклифҳоро рад карданд. СССР, РДГ ва диг. мамлакатҳои социалистӣ баҳри вазъияти мӯътадил дар Б. Ғ. мунтазам мубориза мебаранд. Шартномаи байни СССР ва РДГ 12 июни 1964 дар ҳалли ин масъала ҳиссаи бузург гузошт. Мувофиқи он Б. Ғ. чуп воҳиди мустақили сиёсӣ шинохта шуд. 3 сент. 1971 сафири СССР дар РДГ ва сафирони ШМА, Британияи Кабир ва Франция дар РФГ ойд ба Б. Ғ. шартномаи чортарафа имзо карданд. 3 июни 1972 вазирони корҳои хориҷии СССР, ШМА, Британияи Кабир ва Франция дар Б. Ғ. қарори хотимавии чортарафаро имзо карда, ин шартномаро ба расмият даровардаанд. Шартномаи 3 сент. 1971 ба беҳтар шудани вазъият дар Б. Ғ., барҳам додани манбаи шиддат дар марказӣ Европа нигаронида шудааст. Дар шартнома таъкид гардидааст, ки Б. Ғ. қисми таркибии РФГ нест ва он дар оянда аз тарафи РФГ идора карда намешавад.

Муносибати Б. Ғ. бо СССР, РДГ ва диг. мамлакатҳои социалистӣ беҳтар мегардад. Нояб. 1972 дар Б. Ғ. ба муносибати 50-солагии ташкилёбии СССР аввалин ҳафтаи маданияти советӣ шуда гузашт. Апр.—май 1974 дар Б. Ғ. аввалин намоишгоҳи тиҷоратию саноатии СССР ташкил гардид. 11 июни 1973 дар Б. Ғ. сафоратҳонаи генералии СССР ба кори худ шурӯъ кард. Вале баъзе доираҳои сиёсии Ғарб бар хилофи шартномаи 3 сент. 1971 Б. Ғ.-ро ҳолӣ ҳамчун маркази моҷароҷӯӣ ва иғвогарӣ истифода бурданӣ мешаванд.

БЕРМУ́Д (Bermuda), ҷазираҳои Бермуд, гурӯҳи ҷаз-ҳои марҷонӣ (қариб 300 ҷаз.) дар уқ. Атлантик, 900 км шарқтар аз материки Америкаи Шим. Аз с. 1684 мустамликаи Британияи Кабир. Масоҳ. 53,3 км². Аҳол. 52,7 ҳаз. наф. (1970), бермудҳо. Маркази маъмурӣаш ш. Гамильтон. Ҷаз-ҳо дар қуллаи вулқони хомӯшшудаи зериоби воқеъ гаштаанд. Баландиашон аз сатҳи баҳр то 79 м. Иқлими ҷаз-ҳои Б. тропикӣ ва мӯътадили намнок. Миқдори беришоти солона то 1350 мм. Курортҳо мавҷуданд. Б.-ро с. 1522 Х. Бермудеси испанӣ кашф кардааст. Дар ҷаз-ҳои Б. базаҳои ҳарбӣ-баҳрӣ ва ҳарбӣ-ҳавоии Британия ва ШМА ҷойгиранд.

БЕРН (аз нем. Bern ва франс. Berne), пойтахти Швейцария. Маркази маъмурии округи Берн. Дар ду соҳили д. Ааре, дар баландии 572 м аз с. б. воқеъ аст. Аҳол. 150 ҳаз. наф. (1976). Узели муҳими нақлиёт. Маркази калони саноатии мамлакат (баъд аз Цюрих ва Базель). Соҳаҳои асосии саноаташ: электротехника ва мошинҳои дақиқ (телефон, таҷҳизот, электроаппаратура, мошинҳои полиграфӣ ва ғ.), бофандагӣ, трикотаж, хӯрокворӣ (консерв, орд, шоколад, пиво), чӯбгарӣ, полиграфия ва ғ.

Берн. Манзараи қисми шаҳр.

Б. маркази туризми байналхалқист. Ун-т, банки миллӣ, музейҳо дорад. Ёдгориҳои меъмориӣ: калисои ҷомеи ҳазрати Винцент (1421—1588) ва ратуша (1406—17), бинои парламент (1852—1901) ва ғ.

Берн. Парламент.

Б. с. 1191 буньёд ёфтааст. Аз с. 1848 пойтахти Швейцария. Аввалҳои а. 20 маркази революционерони муҳоҷири рус буд. Аз сент. 1914 то февр. 1916 дар Б. В. И. Ленин зиндагӣ кардааст. Аз 27 февр. то 4 марти 1915 дар Б. конференцияи секцияҳои гуногуни хориҷии РСДРП баргузор гардид.

БЕРНАЛ (Bernal) Ҷон Десмонд (10. 5. 1901, Нина — 16. 9. 1971), физик ва ходими ҷамъиятии англис, аъзои Ҷамъияти подшоҳии Лондон (1937). С. 1922 Ун-ти Кембриҷро хатм карда, с-ҳои 1923—27 дар лабораторияи Дэви-Фарадей (Лондон), с-ҳои 1927—37 дар Ун-ти Кембриҷ кор кард,

Аз 1937 проф. Ун-ти Лондон. Корҳои илмии Б. асосан ба кристаллография оиданд. Б. сохти графит, металл, об, стирол, гормон, витамину моддаи сафеда, цемент ва ғ.-ро тадқиқ кард. С. 1933 ба ном модели берналии яхро баён намуд, ки шарҳи рафтори обро дар ҳамаи пайвастҳо имконпазир мегардонад. Доир ба назарияи ҳолати моеи низ асарҳои илмӣ эҷод кардааст. Б. дар бораи мавқеи илм дар ҳаёти ҷамъиятӣ, робитаи илм ва техника, хусусияти тараққиёти илм дар ҷамъияти социалистӣ ва капиталистӣ ва ғ. асарҳои илмӣ офаридааст. Китоби ӯ «Хизмати ичтимоии илм» (1938) боиси ба вуҷуд омадани соҳаи нави илм — илмшиносӣ гардид. Б. муборизи фаъоли сулҳ, президент-ичрокунандаи Президиуми Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ (1959—65), муовини раиси Федерацияи ҷаҳонии коркунони илмӣ, президенти Иттифоқи байналхалқии кристаллографҳо (1963—66). Аъзои хориҷии АФ СССР (1958) ва бисьёр академияҳои ҷаҳон. Лауреати Мукофоти байналхалқии ленинӣ «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» (1953).

БЕРНУ́ЛЛИ (Bernoulli), оилаи олимони швейцарӣ; онҳо 11 нафар буда, дар математика ҳиссаи бузург гузоштаанд. Намоёнтарини онҳо:

Якоб Б. (27. 12. 1654, Базель — 16. 8. 1705, ҳамон ҷо), математик, проф. Ун-ти Базель (1687). Асари Г. В. Лейбницро оид ба ҳисоби дифференциалӣ омӯхта, ғояҳои нави онро барои омӯхтани хосиятҳои як қатор хатҳои каҷ татбиқ намуд. Бо барадараш Иоганн Б. ба ҳисоби вариационӣ асос гузошт. Теоремаеро доир ба қонуни ададҳои калон исбот кард, ки бо номи ӯ машҳур аст. Дар соҳаи физика низ тадқиқот гузарондааст.

Иоганн Б. (27. 7. 1667, Базель — 1. 1. 1748, ҳамон ҷо), барадари Якоб Б., математик, проф. Ун-ти Гронинген (Голландия, аз 1695) ва Базель (аз 1705), аъзои фахрии АФ Петербург. Дар соҳаи ҳисоби дифференциалӣ ва интегралӣ бо Г. В. Лейбниц ҳамкорӣ карда, дар ин соҳа ба як қатор кашфиёт ноил гардид. Аввалин баёни муодилаҳои дифференциалӣ ва интегралиро пешниҳод кард, коркарди усулҳои ҳалли муодилаи дифференциалии оддиро ривоҷ дод, доир ба хатҳои геодезӣ масъалаи классикӣ гузошта, хосиятҳои геометрии характерноки ин хатҳоро ошкор намуд ва дертар муодилаи дифференциалии онҳоро исбот кард. Инчунин, дар соҳаи назарияи зарбаи механикӣ, ҳаракати ҷисмҳо дар муҳити муқовиматкунанда, таълимот дар бораи қувваи зинда ва ғ. кор кардааст.

Даниил Б. (29. 1. 1700, Гронинген — 17. 3. 1782, Базель), писари Иоганн Б., проф. физиология (1733) ва механика (1750) дар Ун-ти Базель. Корманди кафедраи механика ва физиология (1725—33) ва дертар аъзои фахрии АФ Петербург; дар нашрияҳои ҳамин акад. 47 кори илмӣ нашр кардааст (1728—78). Асарҳои ӯ ба математика, механика, тиб ва физиология бахшида шудаанд. Дар соҳаи ҳалли муодилаҳои алгебравию дифференциалӣ ва назарияи эҳтимолияту қаторҳо кор кард; назарияи кинетикии газро такмил дод ва муодилаи асосии ҳаракати стационарии моеоти идеалиро ёфт, ки *муодилаи Бернулли* ном гирифтааст.

Аз аъзоёни диг. оилаи Б.-ҳо инҳоро ном бурдан мумкин аст. Николай Б. (1687—1759), ҷияни Якоб ва Иоганн, проф. математика дар Падуя ва Базель; Николай Б. (1695—1726), писари Иоганн, проф. математика дар АФ Петербург; Якоб Б. (1759—89), ҷияни Даниил, аъзои АФ Петербург, муаллифи асарҳои пурқимат доир ба механика.

БЕРНШТА́М Александр Натанович (18. 9. 1910, Керчь — 10. 12. 1956, Ленинград), муаррих ва археологи советӣ, Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Қирғ., проф. Ун-ти давлатии Ленинград, доктори илми таъриҳ (1942). Аъзои КПСС аз с. 1940. Фаъолияти илмиашро чун этнограф сар карда, ба тадқиқоти археологии туркҳои Тиёншон машғул шуд. Аз с. 1936 ёдгориҳои водиҳои Талас, Чу, Или, ҳавзаи Иссиккӯл, сарзамини Помиру Олойро тадқиқ намуд. Б. аввалин олими советист, ки дар зарфи 5 мавсими археологӣ (аз с. 1946) дар Помири Шарқӣ ва Ғарбӣ тадқиқот гузаронд. Дар Оқбайтал, Тамда ва ғ. қабрҳои сакоиҳоро кашф кард. Асарҳои Б. доир ба Ҳафтрудро маскан кардани сугдиён, тадқиқи маданияти сакоиҳои Помир, ташаккули халқи қирғиз аҳамияти калони илмӣ доранд. Дар байни асарҳояш «Очеркҳои археологии Тиёншон ва Помиру Олой», «Водии Чу» (1950), «Фарғонаи қадима» (1951), «Очеркҳои таъриҳи гуннҳо» (1951) ҷолиби диққатанд. Оид ба таъриҳи маданият, санъат, этнография ва нумизматикаи Осиёи Миёна қариб 250 асари илмӣ навиштааст.

БЕРНШТЕ́ЙН Сергей Натанович (5. 3. 1880, Одесса — 26. 10. 1968, Москва), математики советӣ, акад. АФ СССР (1929, аъзо-корр. 1924) ва АФ РССУ (1925). Доир ба назарияи муодилаҳои дифференциалӣ, назарияи функцияҳо ва назарияи эҳтимолият тадқиқот бурдааст. Ҳалли муодилаи эллиптикии тартиби дуюм ва шартҳои мавҷудияти онро нишон дод. Дар физика, биология ва статистика татбиқи усули эҳтимолиятро кор карда баромад. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1942). Бо 2 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БЕРСИ́М (Trifolium alexandrinum), гиёҳи яксолаест аз *лӯбиёиҳо*. Барги майдаи дарозрӯя, гултӯдаи хушанамо, гули сафеди зардчатоб дорад. Вазни 1000 дона тухмаш 2,5—3 г. Зироати хӯроки чорвост. Асосан дар Миср, Марокаш, Тунис, Алҷазоир, Ҳиндустон, Фаластин, Италия, Франция, Калифорния ва Австралия паҳн шудааст. Дар СССР зироати нав буда, дар заминҳои обии райониҳои пахтакории Осиёи Миёна, Кавказ, Шимолӣ, Украина ва вил-ҳои Ленинград, Смоленск мекоранд. Дар Тоҷикистон Б.-ро чун зироати хӯроки чорво асосан дар водии Вахш, р-нҳои Москваю Панҷ кишт мекунанд. Б.— зироати намидӯст. Ба нурии органикиву минералӣ камталаб аст. Меъёри кишти тухмӣ—20—25 кг/га. Чуқурии кишт 1—2 см. Тухми Б. дар ҳарор. 10—12° С неш мезанад. Моҳи май (баъди 40—45 рӯзи кишт) гул карда, тухм мебандад. Б.-ро аз моҳи май то сент. 2—3 бор даравида, аз ҳар га 500—650 ц алафи сабз ё 100—130 ц (дар хоҷагии таҷрибавӣ) хошок ва 2,5—6 ц тухм мегиранд. Хошокаш 15—16% протеин ва 3—6% равған дорад.

Ад.: Зироатҳои хӯроки чорво дар Тоҷикистон, Д., 1965; Майсурян Н. А. ва диг., Растениеводство, М., 1971.

Ҷ. Ҳосимов.

БЕ́РТЕЛЬС Евгений Эдуардович (25. 12. 1890, Петербург — 7. 10. 1957, Москва), шарқшиноси советии рус, аъзо-корр. АФ СССР (1939), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Ӯзб. (1944) ва РСС Тоҷ. (1946), узви фахрии АФ РСС Туркм. (1951) ва РСС Ӯзб. (1956), аъзо-корр. Фарҳангистони улуми Эрон (1944) ва Академияи Араб дар Димишқ (1956). Маълумоти олии мусиқӣ ва ҳуқуқшиносӣ гирифта, с. 1918 фак-ти забонҳои шарқи Ун-ти Петербургро хатм кардааст. Баъд ба Музеи осиёии АФ СССР (ҳоло Ин-ти шарқшиносии АФ СССР) даромада, то поёни зиндагиаш кор кард. Б. дар 40 соли фаъолияти илмию педагогиаш бештар аз 500 асари хурду калон таълиф кардааст, ки масъалаҳои гуногуни адабиёти форс-тоҷик, ӯзбек, озарбойҷон ва ғ.-ро дарбар гирифта, қисме аз онҳо дар мунтахаботи чорҷилдааш: «Таъриҳи адабиёти форс-тоҷик» (1960), «Низомӣ ва Фузулӣ» (1962), «Тасаввуф ва адабиёти суфия» (1965), «Навоӣ ва Ҷомӣ» (1965) гирд омадаанд. Б. барои матни интиқодии «Искандарнома»-и Низомӣ лауреати Мукофоти давлатии СССР (1948) гардида буд. Солҳои охири умраш ба таҳияи матни танқидии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ роҳбарӣ мекард. Бисьёре аз осори Б. ба забонҳои Шарқу Ғарб тарҷума шудаанд.

А. Сатторов.

БЕРТЛО́, Бертело (Berthelot) Пьер Эжен Марселен (25. 10. 1827, Париж—18. 3. 1907, ҳамон ҷо), химик

АБӮРАЙҲОНИ БЕРӮНӢ

Амали рассом М. Шабиев.





Ба маколаи Барокко. 1. Л. Бернини. Скала Реча (Зинаи шохй) дар Ватикан. Рим. 1663—66. 2. Ф. Борромини. Калисои Сант-Иво алла Сапиенца дар Рим. 1642—60. 3. А. Спекки, Ф. Де Санктис. Зинаи Пьянца ди Спанья дар Рим. 1725. 4. Л. Бернини. «Аполлон ва Дафна». Мармар. 1622—25. Музей ва пигористони Боргезе. Рим. 5. Г. Фернандес. «Могами Исо». Чуб. 1616. Музеи миллии хайкалхои диний. Вальядолид. 6. П. Пюже. «Милони Кротони». Мармар. 1672—82. Лувр. Париж. 7. Гверчино. «Дидо ва Петронилла Вали». 1621. Музейхои Капитолий. Рим. 8. А. Карраччи. «Венера ва Анхиз». Фресках Палаццо Фарнезе. Рим. 1597—1604. 9. П. П. Рубенс. «Бардоштани салиб». 1610—11. Антверпен. Калисои Чомеъ.

ва ходими ҷамъиятии франсавӣ. Проф. Мактаби олии фармацевтии Париж (1859) ва Коллеҷ де Франс (1864), аъзои АФ Париж (1873) ва котиби доимии он (1889), аъзо-корр. АФ Петербург (1876). Вазири маориф (1886—87) ва корҳои хориҷӣ (1895). Б. муаллифи бисьёр асарҳо оид ба химияи органикӣ, термохимия, агрохимия, таърихи химия ва г. мебошад. Бисьёр моддаҳои органики (нафталин, бензол, фенол ва г.)-ро синтез карда, аз глицерину кислотаҳои алифатӣ пайвастҳои ба чарбуи табиӣ монандро ҳосил кард. Дар натиҷаи гидратонии этилен дар иштироки кислотаи сульфат спирти этилро (1854) ҳосил намуд. С. 1867 Б. усули умумии бо подиди гидроген барқарор кардани пайвастҳои органикиро пешниҳод кард. С-ҳои 1861—63 якҷоя бо химики франсавӣ Л. Пеан де Сен-Жиль доир ба суръати ҳосилшавии эфирҳои мураккаб аз спирту кислотаҳо кор карда, ба таърихи кинетикаи химияви ҳисса гузошт. Роли карбон, гидроген, нитроген ва диг. элементҳоро дар ҳаёти растанӣ муайян намуд. Б.— яке аз асосгузорони *термохимия*.

Ад.: Тимирязев К. А., Лавуазье XIX столетия (Марселен Бертело, 1827—1907), Соч., т. 8, М., 1939; Мусабеков Ю. С., Марселен Бертло, М., 1965.

БЕРТОЛЛЕ (Berthollet) Клод Луи (9. 12. 1748, Таллуар, Савойя — 6. 11. 1822, Аркейли, наздикии Париж), химики франсавӣ, аъзои АФ Париж (1785), асосгузори таълимоти мувозинати химияви, проф. кафедраи химияи Мактабҳои политехникӣ ва нормалии Париж (1794). С. 1785 чун аввалин химик ба нуқтаи назари зиддифлогистонии А. Лавуазье наздик шуд, таркиби аммиак (1785), гази ботлоқӣ (1781) ва кислотаи цианидро муайян намуд. Нуқраи таркапда (фульминати нуқра) ва усули ҳосил намудани хлорати калий («намаки Бертолле»)-ро кашф кард. Усули беранг кунии матоъ, мум ва коғазро бо хлор (1785) кор карда баромада, хосияти химиявии моддаҳои таркибашон тағьирёбандаро, ки баъдтар Н. С. Курнаков бертоллидҳо номид, пешгӯй намуд.

Ад.: Курнаков Н. С., Избр. тр., т. 1, М., 1960.

БЕРТОЛЛИДҲО, нг. *Дальтонидҳо ва бертоллидҳо.*

БЕРУНИТ, минерал, форм. химиявиаш $8{,}5\ CaSiO_3 \cdot 8{,}5\ CaCO_3 \cdot CaSO_4 \cdot 15H_2O$. Дар рӯи минерали таумасит ба шакли кристаллҳои сафеди нахмонанди тунук (2—3 мм) дучор мешавад. Сахтиаш 2; зичиаш 2300 кг/м³. Б.-ро Бадалов С. Т. ва Голованов И. М. (1957) аз Қарамазори РСС Ӯзб. ёфта, ба номи Абӯрайҳони Беруни гузоштанд.

БЕРУНӢ بیرونی Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Хоразмӣ (4. 9. 973 Кот, Хоразм — 11. 12. 1048), алломаи бузурги машриқзамин. Асосҳои илмро дар зодгоҳаш назди Абӯнасри Мансур шогирди Абулвафои Бузаҷонӣ (940—998) меомӯзад. Б. забонҳои хоразмӣ, дарӣ, арабӣ, суғдӣ, сурьёнӣ ва юнонию санскритро азхуд намуда, ба қисме аз онҳо асарҳои илмӣ таълиф кардааст. Б. аз овони ҷавонӣ ба мушоҳидаи астрономӣ шуғл меварзад.

С-ҳои 995—997 Б. дар сафар буда, гузараш ба ш. Рай меафтад ва бо Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ шинос шуда, секстант (судс)-и ӯро меомӯзад. С. 997 ба зодгоҳаш баргашта, глобус месозад ва онро барои муайян кардани тӯлу арзи шаҳрҳо истифода мебарад. С-ҳои 998—1004 фаъолияти илмии ӯ дар ш. Гургон, дар дарбори Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмагир (967—1012) мегузарад. Дар он ҷо «Осор-ул-боқия»-ро (1000) таълиф мекунад. С-ҳои 1004—17 Беруни дар ш. Гургон ба омӯзиш ва тасҳеҳи зиҷҳо бештар машғул мешавад.

С. 1018 Султон Маҳмуд (980—1030) Хоразмро забт карда, Б.-ро ба Ғазнин мебарад. Фаъолияти минбаъдаи ӯ то охири умраш асосан дар ҳамин шаҳр мегузарад. Султон Маҳмуд дар лашкаркашиҳояш ба кишв. Ҳинд Б.-ро ҳамроҳи худ мебарад. Доишмманд дар ин муддат бо тарзи зиндагӣ, таърих, афкори илмӣ-фалсафӣ ва оину кешҳои мардуми ҳинд шинос шуда, забони санскритро меомӯзад ва баъзе асарҳои илмиро аз санскрит ба арабӣ ва чанд асари мутафаккирони Юнонро аз арабӣ ба санскрит тарҷума мекунад. Мушоҳидаҳо ва тадқиқоти дақиқи олим ҷоҷеъ ба Ҳиндустон дар асари ӯ «Мо-ли-л-Ҳинд» сабт шудаанд. Б. маҳз дар ҳамин асар қайд мекунад, ки таассуби динӣ ва қатъи ому тохтутозҳои ғоратгаронаи истилогарон халқи сарзамини моро аз мардуми заҳматкаши Ҳинд ҷудо карда будаанд.

Б. қариб дар ҳамаи соҳаи илмҳои маъмули замони худ қувваозмоӣ намуда, доир ба ҳар кадом асарҳои пурарзише таълиф кардааст. Бино ба маълумоти маъхазҳои таърихӣ адади асарҳои ӯ аз 103 то 180 номгӯй мебошанд. Вале бояд таассуф аст, ки бештари он таълифоти гаронмоя дар чанголи осеби давру замонҳои номусоид нобуд шудаанд. Аз осори боқимондаи Б. ҳам ҳувайдост, ки ӯ ба инкишофи минбаъдаи илми ҷаҳонӣ саҳми гаронбаҳое гузоштааст.

Маҳз ба Б. муяссар гардид, ки комьёбиҳои математикаи Юнон ва Ҳиндро ба ҳам пайвандад, системаи ҳисоби даҳиро ҷорӣ кунад, ба ҳалли баъзе масъалаҳои муҳимми алгебра ва тригонометрия муваффақ шавад. Ғайр аз ин Б. доираи мавзӯи геодезияро равшан намуд, бо усулҳои анъанавӣ ва кашфиёти худ арзу тӯли бештар аз шашсад мавзеъро чен карда ҷадвале сохт. Ӯ андозаи заминро хеле саҳеҳ чен кард (аз ченкуниҳои замони мо фақат 110 км фарқ мекунаду халос).

Б. ақидаи тағьирёбии қишри Замин (эволюцияи геологӣ)-ро пеш гузошта, оид ба масъалаҳои пайдоиши кӯҳҳо, ҳаракати қитъаҳо, ҷойивазкунии баҳру бар муҳокима меронад. Афкори ӯ дар бораи таърихи геологии ҳавзаи рӯдҳои Аму ва Ганг ба фикру андешаҳои илмии имрӯзаи мо хеле наздиканд. Вай муайян кардааст, ки д. Аму як вақтҳо ба б. Каспий (Хазар) мерехт.

Б. қонуни вобаста бо суръати ҷараёни паси ҳам такшоншавии ҷинсҳои гуногунвазнро кашф кард, пайдоиши фаввораҳои табиирро дар асоси принципи гидростатикии зарфҳои пайваста шарҳ дод, вазни хоси минералҳои зиёдеро чен кард. Сарватҳои зеризаминиро таҳқиқ намуда, ба конҳои бисьёре, аз ҷумла, ба конҳои тиллои Қаротегину Шуғнон, лаҷлу лоҷувардии Бадахшон, симобу нуқраи Зарафшон, нефти водии Фарғона ишора мекунад.

Б. ба маълумоти астрономияи Юнон ва Ҳинд такья карда, масъалаи маркази олам, эҳтимолоти дар атрофи меҳвари худ ва дар гирди Офтоб давр задани Заминро пеш мегузорад. Аммо илми замонаш ба ӯ имконият надод, ки ба кашфи системаи гелиоцентрӣ муваффақ шавад.

Б. гиёҳҳои шифобахшро омӯхта, мубодилаи байналхалқии таҷрибаи тиббии халқҳоро муфид меҳисобад, номи гиёҳҳоро ба забонҳои гуногун оварда, масъалаи байналмилалии истилоҳоти илмиро ба миён мегузорад. Б. бегаразона ва ҳаматарафа омӯхтану таҳқиқ намудани таърихи халқҳоро шарти асосии илми таърих ҳисобида: «Мо тарафдорӣ аз касе накардаем ва бегаразона фикрронӣ намудаем»,— гӯён таърихи сокинони Осиёи Миёна, Шарқи Наздик ва Ҳиндустонро тадқиқ менамояд.

Хизмати Б. дар соҳаи филология низ кам нест. Ӯ қонуниятҳои шеъри араб, системаи шеър ва хусусиятҳои хоси забони ҳиндиро омӯхт ва инчунин истилоҳоти муқоисавиро муҳайё сохт, фольклори халқҳои эроннажодро аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кард. Ӯ ба забони дарӣ (тоҷикӣ) асари математикӣ-астрономӣ таълиф намуда, дар такмилу ташаккули забони илмӣ ва адабии тоҷик ҳиссаи арзанда гузошт. Ақидаи нисбат ба пайдоиши забонҳо изҳоркардаи Б.

дар таърихи илми забоншиносии умумӣ сухани тозае буда, бар пояи таълимоти динӣ, ки калому нутқро офаридаву атои вахдати вуҷуд мешуморид табар мезад: «Сабаби забонҳои гуногун доштани мардумон он аст, ки онҳо дар давраи аввал ба гурӯҳҳо тақсим шуда, аз ҳам ҷудо гардидаанд ва мувофиқи зарурат ба ҳар як гурӯҳи халқ лозим омад, ки ба ин ё он калимае ба ҳамдигар муроҷиат намоянд. Бо мурури замон, ин калимаву ибораҳо афзуда, такрор гардида, ба хотир нақш бастанд».

Гарчанде асари махсуси фалсафии Б. боқӣ намондааст, аммо дар асоси мукотибаи ӯ бо Ибни Сино ва мутолиаи асарҳои илмиаш дар бораи ҷаҳонбинии ӯ хулоса баровардан мумкин аст, ки вай аз идеализми объективӣ ибтидо карда, ба сӯи материализми илмӣ-табиӣ майл мекунад ва тавассути Абӯбакри Розӣ атомизми Демокритро маъқул медонад. Дар асарҳои ӯ ақидаҳои диалектикӣ низ бисьёр дучор мешаванд. Ғояи робитаи куллӣ, ки дар таълимоти вай доир ба сабабият хуб зоҳир мешавад ва ақидаи ӯ дар бораи тағйирпазирии ашьёю ҳодисаҳо аз ҳамин қабиланд. Масъалаҳои методологияи илм ҳам дар осори Беруниӣ мавқеи махсус доранд. Аз ҷумла вай дар бораи таносуби фалсафа ва илм, фалсафа ва дин, методи маърифат ва ҳоказо фикрҳои ҷолиб баён кардааст, ки имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Вай кӯшиш кардааст, ки назарияро бо амалия пайвандад ва ба ин як андоза муваффақ шудааст. Ҳаҷ ба ҷониби Сартои аст, ки гуфта буд: «Аз асарҳои Беруниӣ рӯҳи илми замони мо меояд».

Б. чун инсонпарвари бузург эҳтироми халқҳои гуногунро талқин мекард. «Барои дӯст доштани мардумон,— мегуфт ӯ,— забонашонро ёд гиред ва одобу русум ва фикру мазҳабашонро мӯҳтарам шуморед».

Б. пардаи ҷаҳолатро дарронида роҳи кашфи ҳақиқати қонунҳои табиатро васеъ мекушояд. Таргиби илмро барои худ бахти азим шумурда, амалҳои бардурӯғро ба монанди мунаҷҷими (астрология) ва иксировариӣ қабул надошт ва аҳли таассубро мазаммат мекард: «Таассуб чашмҳои биноро кӯр ва гӯшҳои шунаворо кар мекунад». Тасвирро нигр. дар сах. 432—433.

Ас.: الآثار الباقية عن القرون الخالية. تهران، ١٣٥٢ ه. ش. تحقيق ما للهند. تهران، ١٣٥٢ ه. ش. كتاب الصيدنة فى الطب. تهران، ١٣٥٢ ه. ش.

Избр. произв. тт. 1—4, Ташкент, 1957, 1963, 1966, 1974; Собрание сведений для познания драгоценностей (Минералогия), Л., 1963; Китоб-ут-тафхим, Д., 1973.

Ад.: Садыков Х. У., Бируни и его работы по астрономии и математической географии, М., 1953; Богоутдинов А. М., Очерки по истории таджикской философии, Сталинабад, 1961; Булгаков П. Г., Жизнь и труды Бируни, Ташкент, 1972; Муминов И., Великий гуманист из Хорезма, Ташкент, 1972; Шарипов А., Великий мыслитель Беруни, Ташкент, 1972; Умаров Т. Я., Беруни, Коперник и современная наука, Ташкент, 1972; Беруни и гуманитарные науки, сб., 1972; Кедров Б. М., Розенфельд Б. А., Абур-райхан Беруни, М., 1973.

М. Осимӣ.

БЕРУНӢ, шаҳр (аз 1962), маркази р-ни Беруниии РАСС Қарақалп. (РСС Узб.). Дар соҳили рости д. Аму, 20 км шим. шарқтари ст. р. о. Урганҷ воқеъ аст. Роҳҳои автомобильгарду ҳавоӣ ва обӣ (д. Аму, бандараш Чалиш) Б.-ро бо диг. районҳо мепайванданд. Аҳол. 23 ҳаз. наф. (1970). Б. маркази саноати РАСС Қароқалп. З-дҳои равған, хишт, асфальт, пахта (2 з-д), матбаа, кинотеатр, қасри маданият, китобхона, касалхона дорад. Б. замонҳои қадим пойтахти Хоразм буд. Онро Кос (Кот), Фил (Фир), нисбатан дертар Шоббоз (Шоҳ Аббос) меномиданд. Шаҳр зодгоҳи олим ва мутафаккир Абӯрайҳони Беруниӣ аст. Аз ин сабаб с. 1957 ба он номи Беруниӣ дода шуд.

БЕ́РУТ (Bierut) Болеслав (18. 4. 1892, Люблин — 12. 3. 1956, Москва), арбоби сиёсӣ ва давлатии Польша. Иштирокчии ҳаракати революционӣ аз с. 1912. Аъзои Партияи Коммунистии Польша аз с. 1918. Аз оилаи коргар. С-ҳои 1915—23 дар корҳои роҳбарикунандаи кооперативҳои коргарии Польша ва баъдтар дар вазифаҳои масъули ПКП кор кард. Барои фаъолияти революционнаш борҳо ҳабс шудааст. Дар давраи истилои фашистии Германия Б. яке аз ташкилотчиёни муборизаи баҳри озодии миллӣ ва иҷтимоии халқи поляк буд. Б. ба ҳайати роҳбарикунандаи Партияи коргарии Польша (1942) дохил буд. С-ҳои 1947—52 Б. президенти Республикаи Польша ва раиси Совети давлатӣ, 1952—54 Раиси Совети Вазирони Республикаи Халкии Польша. Аз марти 1954 котиби якуми КМ Партияи Муттаҳидаи Коргарии Польша буд.

БЕРЦЕ́ЛИУС (Berzelius) Йёнс Якоб (20. 8. 1779, Веверсунда — 7. 8. 1848, Стокгольм), химик ва минерологи швед. С. 1802 унвони доктори тиббро дар Ун-ти Упсаль гирифт; проф. Ун-ти Стокгольм (1807); аъзои АФ Стокгольм (1808), президент (аз с. 1810) ва котиби доимии он (аз 1818). Аз с. 1820 аъзои фахрии хориҷии АФ Петербург. Б. дар асоси таҷриба назарияи атомистиро тасдиқ карда, онро равнақ дод. С-ҳои 1810—16 дар асоси материалҳои таҳлили оксидҳо исботи нави *қонуни нисбатҳои каратиро* пешниҳод кард. С. 1818 ҷадвали массаи ат. 46 элементро нашр кард. Таълимот оид ба табиати электрикӣ доштани

қаробати химиявӣ асоси ақидаҳои назариявии Б. мебошад. Минералҳои гуногунро тадқиқ намуда, бо В. Гизингер церий (1803), селен (1817) ва торийро (1828) кашф кард: с-ҳои 1824—25 аввалин бор силиций, титан, тантал ва цирконийро дар ҳолати озод ҳосил кард. Формулаҳои баъзе кислотаҳои органикиро муайян кард (1815). Вақте ки пайвастҳои органикии таркиби якхелаю хосиятҳои гуногундошта маълум шуданд, Б. ин ҳодисаро *изомерия* (1830) номид. Б. дар инкишофи химияи нимаи якуми а. 19 саҳми калон гузошт.

Ад.: Соловьёв Ю. И., Куринной В. И., Якоб Берцелиус, М., 1961.

БЕСПА́ЛОВ Николай Денисович (1898, деҳаи Левашевкаи р-ни Новодевичьеи вил. Куйбышев—1972, Москва), мелиоратор—хокшиноси советӣ, доктори илмҳои х. қ. (1952), аъзои АФ Республикаи Халқии Муғулистон (1942). Аъзои КПСС аз с. 1918. Б. с-ҳои 1921—22 фак-ти партиявӣ-фалсафавии Ун-ти ба номи Я. М. Свердлови Москва, 1927—30 Ин-ти пахтакории Тошкент, 1931—35 аспирантураи АФ СССР-ро дар Ленинград хатм кардааст. Б. с-ҳои 1936—38 аввалин директори Станцияи хоку мелиоративии ба номи И. Н. Антипов-Каратаеви Вахш, 1938—40 котиби илмии Базаи тоҷикистонии АФ СССР, 1940—44 роҳбари Экспедицияи хокшиносии АФ СССР дар Муғулистон, 1944—72 ходими калони илмии Ин-ти умумииттифоқии хокшиносии ба номи В. В. Докучаеви Москва буд. Тадқиқоти илмии Б. ба мелиорацияю географияи хок бахшида шудааст. Б. муаллифи зиёда аз 50 асари илмист. Бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Влияние ирригационных каналов на поднятие уровня грунтовых вод и засоление почв в Северной части Вахшской долины; Условия эффективности промывок засоленных почв, дар кит.: Засоление почв Вахшской долины и меры борьбы с ним, М.-Л., 1940; Почвы Монгольской Народной Республики. «Тр. Монгольской комиссии», в. 41, М., 1951.

БЕСС (юн. Bessos), волии Бохтар дар аҳди *Дорои* III. Дар муҳорибаи назди Гавгамела чун сарвари дастаҳои бохтариҳо, суғдиҳо, ҳиндуҳо иштирок кард. Ҳангоми таъқиби *Искандари Мақдунӣ* ва фирори Доро ҳамроҳаш буд. Дар роҳи фирор ба муқобили Доро суиқасд ташкил намуда, дар Порт ӯро кушт. Сонӣ ба Бохтар гурехта, худро подшоҳ эълон намуд ва дар Зариаспу маскан гирифт. С. 329 то м. Искандари Мақдунӣ ба Бохтар ҳамла кард ва Б. онро тарк намуда ба Суғд ақиб нишаст. Пас аз муддате сарлашкари Искандар Ито-

ломей Лага ўро асир гирифт. Искандар бо баҳонаи интиқом барои марги Доро ўро қатл кард. *И. В. Пьянков.*

БЕССЕМЕР (Bessemer) Генри (19. 1. 1813, Чарлтон—15. 3. 1898, Лондон), ихтироъкори англис, аъзои ҷамъияти подшоҳии Лондон. Б. дар соҳаҳои гуногуни техника беш аз 100 ихтироот дошт. Аз машҳуртарин ихтирооти ў усули конвертерии истеҳсоли пўлод аст, ки *процесси Бессемер* ном дорад.

БЕСТУЖЕВ-РЮМИН Михаил Павлович (1803—25. 7. 1826, Петербург), декабрист, подпоручик. Аз с. 1818 ба хизмати ҳарбӣ даъват карда шуд. Аз с. 1823 яке аз фаъолтарин ходимони *Ҷамъияти ҷанубии декабристон.* Ҳамроҳи С. И. *Муравьёв-Апостол* ба идораи Васильковск роҳбарӣ кард, дар машвараткои муҳимтарини роҳбарони ҷамъият иштирок намуда, дар байни офицерон ва солдатҳо ташвиқоти революционӣ бурд, ба ҷамъият аъзоёни нав ҷалб кард. С. 1824 дар бораи амалиёти якҷоя бо революционерони Польша бомуваффақият гуфтушунид гузаронд. С. 1825 дар муттаҳид шудани *Ҷамъияти славянҳои муттаҳид* ва Ҷамъияти ҷанубӣ мадад расонд ва ба Идораи нави славянҳо роҳбарӣ кард. Тарафдори республика буд. Барҳам додани ҳонадони подшоҳро талаб кард. Барои дар шуриши полки Чернигов (29 дек. 1825—3 янв. 1826) фаъолона иштирок кардааш июли 1826 ба дор кашида шуд.

БЕТА-ЗАРРА, β-з а р р а, электрон ва позитрон, ки ядрои атом ҳангоми *бета-коҳиш* меафканад.

БЕТА-КОҲИШ, β-к о ҳ и ш, коҳиши радиоактиви ядрои атом, ки дар натиҷаи он ядро электрон ё позитрон меафканад. Ин процесс ба туфайли худ аз худ табдилёбии яке аз нуклонҳои дохилиядрӣ ба нуклони чинси диг., яъне ё нейтрон (*n*) ба протон (*p*) ва ё баръакс, протон ба нейтрон сурат мегирад. Дар мавриди якум аз ядро электрон (e−) хориҷ мешавад (β−-коҳиш). Дар мавриди дуюм аз ядро позитрон (e+) хориҷ мешавад (β+-коҳиш). Электрону позитронҳои дар вақти Б.-к. хориҷшаванда б е т а з а р р а ҳ о ном доранд. Дар рафти ин табдилот боз як зарраи диг.—нейтрино (ν) (мавриди β+-коҳиш) ё антинейтрино ($\bar{\nu}$) мавриди β−-коҳиш) пайдо мешавад:

$$n \longrightarrow p + e^- + \bar{\nu}; \quad p \longrightarrow n + e^+ + \nu$$

Ҳангоми β−-коҳиш адади протонҳо (Z) дар ядро якто зиёд, адади нейтронҳо бошад, якто кам мешавад. Адади массавии ядро (A) тағйир намеёбад (зеро он ба адади умумии нуклонҳо дар ядро баробар аст). Ядрои маҳсул дар системаи даврии элементҳо аз тарафи рости ядрои аввала ҷой мегирад. Баръакс, дар процесси β+-коҳиш адади нейтронҳо якто зиёд мешавад ва ядрои маҳсул аз тарафи чапи ядрои аввала ҷой мегирад. Табдилёбии протон ба нейтрон дар дохили ядро ҳангоми яке аз электронҳои *K* — қабати ба ядро наздиктаринро забт кардани протон (*K* — забт) низ ба амал меояд ва ядро дар системаи даврии элементҳо як хона ба тарафи чап мекўчад. Алҳол қариб 1500 изотопҳои β-радиоактив маълуманд, ки даври нимкоҳиши онҳо аз $2{,}5 \cdot 10^{-2}$ сон ($_5{}^{12}$B) то $\sim 4 \cdot 10^{12}$ сол ($_{75}{}^{187}$Re)-ро ташкил медиҳад. Дар вақти Б.-к. вайроншавии қонуни бақои ҷуфтият ҷой дорад, ки дар ассиметрияи самти ҳаракати электрони аз ядро афкандашуда дар фазо зоҳир мегардад: дар самти спини ядрю назар ба самти муқобил камтар электрон афканда мешавад. *Ф. Нормуродов.*

БЕТАРАФӢ (дар ҳуқуқи байналхалқӣ), ҳолати сиёсӣ ва ҳуқуқии давлате, ки дар ҷанг иштирок намекунад ва нисбат ба мамлакатҳои ҷангкунанда мавқеи якхела дорад. Мафҳуми Б. ба маънои дар ҷанг пурра иштирок накардан дар а. 19 пайдо шудааст. Ҳуқуқ ва вазифаҳои давлатҳои Б. эълон карда дар конвенцияҳои бисьёртарафаи Гаага (1907) муайян гардидаанд. Давлатҳои ҷангкунанда бояд дахлнопазири ва бутунии территорияи давлати бетарафро эҳтиром намуда, сарҳадҳои онро вайрон накунанд, дар вақти амалиёти ҷангӣ территорияи ин давлатро чун пункти такьягоҳӣ истифода набаранд, аз территорияи он армияи худро нагузаронанд. Дар ҳолати аз сарҳади мамлакати бетараф гузаштани хизматчиёни ҳарбӣ ё қисмҳои ҳарбии давлати ҷангкунанда давлати бетараф вазифадор аст, ки онҳоро фавран дастгир намуда, беяроқ гардонад. Мувофиқи конвенция граждаанинҳои давлати бетараф метавонанд дар амалиёти ҳарбӣ ҳамчун ихтиёриён иштирок намоянд. Савдо бо давлатҳои ҷангкунанда манъ карда намешавад. Мувофиқи устави ТДМ ҳамаи аъзоёни вай бояд барои ба давлати таҷовузкор зарбаи коллективона задан иштирок намоянд. Иттифоқи Советӣ сиёсати устувор ва сулҳҷўёнаро гузаронда, принципи Б.-ро ҳамчун воситаи мустаҳкамкунии бехатарии худ ва сулҳи умумиҷаҳонӣ истифода мебарад. Б. хелҳои зерин дорад: Б.-и доимӣ, Б.-и эҳтимолӣ (эвентуалӣ) ва сиёсати Б.-и доимӣ с. 1815 (барои Швейцария), с. 1955 (барои Австрия) муқаррар карда шудааст. Мувофиқи он давлатҳои номбаршуда бояд дар ҷангҳои байни давлатҳо ҳеҷ иштирок накунанд, дар давраи осоишта ба ягон блоки ҳарбӣ ҳамроҳ нашаванд; Б.-и эҳтимолӣ аз он иборат аст, ки давлати муайян дар сурати сар задани ҷанг бетарафии худро эълон менамояд. Давлати Б.-и эҳтимолӣ эълон карда, дар сурати ҷанги муайян метавонад онро риоя ва дар ҳолати зарурӣ бо акти якҷатарафа онро бекор кунад. Моҳияти сиёсати Б. маънои гузаронидани сиёсати сулҳдўстонаи хориҷӣ, иштирок накардан дар блокҳои ҳарбӣ, дар ҳоки мамлакати худ ба ташкили базаҳои ҳарбӣ ва дохил шудани қувваҳои мусаллаҳи хориҷӣ роҳ надодан мебошад (мас., сиёсати як қатор давлатҳои Европа, Осиё, Африка). Давлатҳое, ки ин сиёсатро пеш гирифтаанд, дар масъалаи ҷанг ва сулҳ бетараф нестанд, онҳо барои сулҳ фаъолона мубориза мебаранд. Сиёсати Б.-ро барои характери зиддиҷангӣ ва сулҳдўстона доштанаш сиёсати Б.-и «мусбат» ва «фаъол» меноманд. Б. дар роҳи мустаҳкам намудани сулҳу амният, суст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ ва устувор сохтани истиқлолияти миллии давлатҳо яке аз омилҳои муҳим мебошад.

БЕТАТРО́Н, суръатфизои циклии электронҳо; электронҳо дар Б. ба василаи майдони электрикии гирдбодии индукционие тезонда мешаванд, ки онро майдони магнитии тағйирёбанда илҷо кардааст. Ниг. *Суръатфизои зарраҳои заряднок.*

БЕТО́Б بیتاب Абулҳақ Сўфӣ (1888, Кобул — 1969, ҳамон ҷо), шоири афғон, ба забони дарӣ (форсии кобулӣ) менавишт. Таълими ибтидоиро дар оила гирифта, ба омўзиши илмҳои динӣ, адабиёти форсӣ ва арабӣ машғул шудааст. Аз с. 1918 дар системаи маориф кор карда, солҳои охир проф. Ун-ти Кобул буд. Дар иншои шеър *сабки ҳиндиро* пайравӣ намуда, вале саъй дошт, ки матолиброро ба забони соддатаре баён кунад. С. 1952 ба унвони ифтихории «маликушшуаро» мушарраф гардида буд. Ашъори Б. дар Тоҷикистон дар газетаю журналҳо ва китоби «Намунаи ашъори шоирони муосири афғон» (1958) ба табъ расидааст. *Ш. Орифов.*

БЕТО́Н (франс. béton), материали бинокорӣ аз сунъии сангин, ки аз омехтаи моддаҳои часпонанда (бо об ё бе он), моддаҳои пуркунанда (рег, сангреза, шағал, оҳаксанг ва ғ.) ва иловаҳои махсус (дар баъзе мавридҳо барои беҳтар шудани хусусиятҳои Б. ва ба он додани ранги матлуб) ҳосил мешавад. Б. яке аз материалҳои асосии бинокорист. Хусусиятҳои асосии Б.— зичӣ, обногузаронӣ, мустаҳкамӣ, сармобардорӣ, гармигузаронӣ, зангногирӣ ва ғ. ба миқдори моддаи часпонанда вобастаанд. Вобаста ба намуди моддаи часпонанда ду навъи Б.: дар асоси моддаҳои часпонандаи ғайриорганикӣ тайёр карда шуда (Б.-и цементӣ, гачӣ, силикатӣ ва ғ.) ва дар асоси моддаҳои часпонандаи органикӣ тайёр кардашуда (асфальтбетон, пластбетон) мавҷуд аст. Моддаи часпонандаи Б.-и цементӣ асосан *цемент* аст, ки одатан 10—15% вазни Б.-ро ташкил медиҳад. Б.-ро вобаста ба массаи воҳиди ҳаҷм (зичӣ) ба навъҳои зерин ҷудо мекунанд: Б.-и фавқулодда вазнин (беш аз 2500 кг/м³), вазнин (аз 1800 то

2500 кг/м³), сабук (аз 500 то 1800 кг/м³) ва фавқулодда сабук (камтар аз 500 кг/м³). Б.-и фавқулодда вазнин дар сохтмони иншооти махсуси ҳимоявӣ (аз таъсироти радиоактивӣ), Б.-и вазнин дар сохтмони иншооти саноатӣ, граждани, гидротехникӣ, сохтмони каналҳо ва г., Б.-и сабук барои рӯйпӯш кардани девору бомҳо биноҳо ва дар конструкцияҳои сабуку мустаҳками иншооти саноативу граждани ва Б.-и фавқулодда сабук асосан чун материали гарминогузар истифода мешавад.

БЕТПА́К ДАЛА́, Бедпак Дала (туркӣ бадпак — шиварзамин ва дала — дашт), биёбон дар РСС Қаз. Аз д. Сарису дар Ғ. то кӯли Балхаш дар Ш. паҳн гаштааст. Масоҳ. қариб 75 ҳаз. км². Баландиаш аз с. б. ба ҳисоби миёна 300—350 м. Қисми ғарбиаш пасти ҳамвор, шарқиаш — баланд; теппаю қатортеппаҳо мавҷуд буда, кӯҳҳои ҷудогона (к. Ҷамбул, 974 м) дорад. Иқлими Б. Д. нисҳоят континенти. Ҳарор. миёнаи янв. аз —12 то —14° С, июль аз 24 то 26° С. Боришоти солона 100—150 мм. Кӯлҳои хурди шӯр бисьёр аст. Шӯрзаминҳо ва заминҳои хокашон бӯр бештар вомехӯранд. Б. Д.-ро ҳамчун чарогоҳи баҳорию тирамоҳӣ истифода мебаранд; барои киштукор заминҳои нав мекушоянд.

БЕТХО́ВЕН (Beethoven) Людвиг ван (17. 12. 1770, Бонн—26. 3. 1827, Вена), бастакори немис. Воқеаҳои Рев. Франция (1789) ва ҳаракати зиддифеодалии вил. Рейн дар ташаккули ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Б. роли бузург бозиданд.

Фаъолияти бастакории Б. с. 1782 оғоз ёфт (вариацияҳо барои клавир ба мавзӯи марши бастакор Э. К. Дреслер). 2 кантатаи ҷавонӣ (1790) — аввалин асарҳои вокалию симфонии Б. мебошанд. С. 1787 Б. ба Вена рафт ва аз В. А. Моцарт чанд дарси мусиқӣ омӯхт. Аз с. 1792 то охири умраш Б. дар Вена монд. Омӯзгорони Б. Й. Гайдн, И. Г. Альбрехтсбергер ва А. Сальери буданд. Б. дар Вена ҳамчун пианинанавоз ва импровизатори хушилҳом, соҳиб чун бастакор шӯҳрат ёфт. С-ҳои 1801—12 асарҳои оламшумули ӯ: сонатаи до диез минор (машҳур чун «Маҳтобӣ», 1801), симфонияи 2-юм (1802), симфонияи 3-юм «Қаҳрамонӣ», сонатаҳои «Аврора» ва «Аппассионата» (1804), операи «Фиделио» (1805), симфонияи 4-ум (1806) офарида шудаанд. С. 1808 Б. яке аз асарҳои машҳураш симфонияи 5-умро ба итмом расонд ва дар як вақт симфонияи 6-уми «Пасторалӣ»-ро эҷод намуд. С. 1810 ба фочиаи И. В. Гёте «Эгмонт» мусиқӣ навишт. С. 1812 симфонияҳои 7-ум ва 8-умро офарид. Б. дар синни 27-солагӣ қобилияти шунавоиашро гум кард ва с-ҳои 1813—17 фаъолияти эҷодиаш хеле суст шуд. Аз с. 1818 давраи нави нашъунамои эҷодиаш фаро расид: ӯ охирин асарҳои худ—5 сонатаи фортепианӣ (1816—22) ва 5 квартетиториро навишт. Қуллаи баландтарини давраи охирини эҷодиёти Б. симфонияи 9-ум (1824) аст. Б. дар охири умр қашшоқ шуда, аз танҳоӣ азият кашид. Ӯро танҳо як зумраи хурди дӯстонаш, ки ақидаҳои пешқадам доштанд, дастгирӣ менамуданд. Б. ба ғайр аз 9 симфония, 48 соната, боз 11 увертюра, 5 концерт барои фортепиано ва оркестр, концерт барои скрипка, балети «Офаридаҳои Прометей», 16 квартет барои асбобҳои торӣ, бисьёр сурудҳо ва дигар асарҳо офаридааст. Комьёбии барҷастаи эҷодиёти Б. симфонияҳои 3-юм («Қаҳрамонӣ») ва 5-ум мебошад. Идеяи симфонияи 5-ум муборизаи бар зидди қисмат аст. Қуллаи баландтарини фаъолияти эҷодии бастакор симфонияи 9-ум аст. Б. аввалин бор дар ин жанр финали хориро ба кор бурд («Ба сӯи шодӣ» матни Ф. Шиллер). Инкишофи образи асосии симфония аз тасвири даҳшатангез ва фочиавии қисми якум сар шуда, бо навои ҳаётбахшу шодиангез поён меёбад.

Эҷодиёти Б. дар таъриҳи санъати ҷаҳон мақоми намоён дорад.

БЕФОСИЛАГИИ МУНТАЗА́М, мафҳуми муҳими таҳлили математикӣ. Функцияи $f(x)$ дар маҷмӯи G дар сурате мунтазам бефосила номида мешавад, ки агар барои ҳар гуна $\varepsilon > 0$ чунин $\delta = \delta(\varepsilon) > 0$ ёфт шавад, ки ҳангоми барои ҷуфти дилхоҳи ададҳои x_1 ва x_2-и ҳамин маҷмӯъ $|x_1 - x_2| < \delta$ будан, $|f(x_1) - f(x_2)| < \varepsilon$ бошад. Мас., функцияи $f(x) = x^2$ дар порчаи [0,1] дар сурате мунтазам бефосила аст, ки агар ҳангоми $|x_1 - x_2| < \delta (\delta = \frac{\varepsilon}{2})$ будан, $|f(x_1) - f(x_2)| = |x_1 - x_2| \, |x_1 + x_2| < \varepsilon$ шавад (зеро барои $0 \leqslant x_1 \leqslant 1$, $0 \leqslant x_2 \leqslant 1$ ҳатман $|x_1 + x_2| \leqslant 2$ аст). Умуман, функцияе, ки дар ҳар нуқтаи порчаи $[a, b]$ бефосила аст, дар тамоми порча мунтазам бефосила мебошад (теоремаи Кантор). Ниг. *Функцияи бефосила.*

БЕФОСИЛАГӢ, яке аз мафҳумҳои асосии математика, ки бар хилофи мафҳуми *дискретӣ* набудани гусастагиҳо, тағйирёбии тадричиро ифода мекунад. Б. бештар дар ду концепцияи математикӣ — Б.-и маҷмӯъ ва Б.-и инъикос дучор мешавад. Мафҳуми Б.-и функцияҳои ҳақиқӣ барои инъикосҳои ихтиёрӣ ин тавр умумият дода мешавад: инъикоси яккиматаи $y = f(x)$-и ягон маҷмӯи X-и элементҳои x бар маҷмӯи Y-и элементҳои y бефосила номида мешавад, агар аз наздикшавии пайдарпаии элементҳои маҷмӯи X — $x_1, x_2, \ldots, x_n, \ldots$ ба элементи x, наздикшавии образҳои онҳо $f(x_1), f(x_2), \ldots, f(x_n), \ldots$ ба образи элементи ҳудудии x, ки $f(x)$ мебошад, ба вуқӯъ ояд. Ҳамин тариқ таъриф Б.-и инъикос (функция) ба тарзи муайян шудани муносибатҳои ҳудудӣ (ин ҷо наздикшавии пайдарпаиҳо) дар ҳуди маҷмӯи X ва Y вобаста аст.

Фикру мулоҳизаҳои доир ба Б.-и *фазо ва вақт* барои муқаррар намудани мафҳумҳои илмии замонавӣ аҳамияти калон доштанд. Мисолҳои Б. аз физика: Б.-и ҷараёни электр, Б.-и ҷоришавии моеъ ё газ ва г.

БЕХ (Allochrusa gypsophiloides), растании бисьёрсолаи алафии мансуби *мехакиҳо*. Баландиаш аз 10 то 80 см. Пояш сершохчаи зудшикан, дарозии тирреша то 2 м, баргаш нештаршакл, гулаш сафед ё гулобии 5-барга, ғӯзааш байзашакли яктухма. Одатан дар дашту биёбон, нишебиҳои кӯҳ ва теппаҳо меруяд.

Бех: 1 — як қисми шохчаи гулдор; 2 — реша; 3 — гул.

Май-июнь гул карда, июль-сент. тухм мебандад. Ҳоло Б.-зори табиии на чандон васеъ дар Закавказия, Қазоқистони Ҷанубӣ ва Осиёи Миёна (кӯҳсори Туркманистон, Помиру Олой, Тиёншони Ғарбӣ) боқӣ мондааст. Дар РСС Тоҷ. асосан дар к. Муғул (Меваҳул), қ-кӯҳҳои Қурамаю Зарафшон ва ноҳияи Сирдарьё паҳн шуда, дар байни мардум бо номи «бехдору» маъмул аст. Решаи онро барои кафкнокии нишолло истифода мебаранд. Решаи Б. 12—32% сапонин дорад, ки он дар саноати хӯрокворӣ (барои тайёр намудани ҳалво, нӯшокӣ ва г.), атриёт (собуни обак ва ордак), бофандагӣ ва оташнишонӣ истифода мешавад.

Ад.: Комаров В. М., Определитель растений Северного Таджикистана, Д., 1967; Флора Таджикской ССР. т. 3, Л., 1968.

М. Ҳоҷиматов.

БЕХЕР (Becher) Иоганнес Роберт (22. 5. 1891, Мюнхен—11. 10. 1958, Берлин), шоири немис, назариётчии санъат, ходими ҷамъиятӣ. Аъзои Партияи коммунистии Германия аз с. 1918. Рев. Каб. Соц. Октябрьро хурсандона пешвоз гирифт. Б. дар достони «Дар пояи қабри Ленин» (1924), маҷмӯаи шеърҳои «Колбуде дар тахт» (1925) ва романи «Люизит ё Ҷанги аз ҳама одилона» (1926) моҳияти ҷанги империалистиро фош карда буд. С. 1927 ба СССР омад. Достони «Нақшаи бузург» (1931) — дар мавзӯи сохтмони социалистӣ. Баъди дар Германия барқарор шудани диктатураи фашистӣ муҳоҷират кард. С-ҳои 1935—45 дар СССР иқомат дошт. С. 1943 дар ташкили комитети миллии «Германияи озод» иштирок намуда, журнали эмиграфашистии «Адабиёти интернационалӣ»-ро таҳрир мекард. Асарҳои реалистии ӯ «Германия даъват мекунад» (1942), «Ташаккур ба Сталинград» (1943) маҳсули ҳамин давраанд. С. 1945 ба ватан баргашта, ба хидмати Германияи социалистӣ камар баст. С. 1953 президенти Академияи санъати РДГ интихоб шуд. Аз с. 1956 вазири маданият, узви КМ ПЯСГ буд. Дар ин солҳо чанд маҷмӯа: «Мурочиат ба ватан» (1946), «Халқе, ки дар зулмат сарсон буд» (1948), «Сурудҳои пири халқии немисӣ» (1950), «Сонетаҳои немисӣ» (1952), «Ишқ оромӣ надорад» (1957) ва дар мавзӯи санъат ва адабиёт як силсила мақолаҳо ба табъ расонд. Муаллифи гимни миллии РДГ аст. Лауреати Мукофоти байналхалқии ленинӣ «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» (1952) ва лауреати Мукофоти миллии ба номи Гёте (1949—50) буд. Баъзе шеърҳои Б. дар матбуоти тоҷик ба табъ расидаанд.

БЕХМЕВАИҲО, р е ш а м е в а и ҳ о, растаниҳое, ки барои бехмеваи сергизою серпираашон парвариш мекунанд. Б. зироати яксола (турбча), дусола (шалғам, турб, сабзӣ, ҷаъфарӣ, карафс, коснӣ ва ғ.) ва бисьёрсола (қатрон) мешаванд. Аксари онҳо соли 1-ум баргу бехмева ва соли 2-юм поя карда, гулу мева мекунанд. Б. намидӯст ва дар хоки ҳосилхез ҳосили баланд медиҳанд. Бехмеваи онҳо ба миқдори зиёд қанд, витамину намакҳои минералӣ дорад. Дар намуди хом ё пухта истифода мекунанд. Бехмеваро инчунин мехушконанд ва консерв мекунанд. Б. ҳамчун хӯроки ҳайвоноти х. қ. низ аҳамияти калон доранд.

Ад.: Сабзавоткории Тоҷикистон, Д., 1972; Қ о с и м о в Ҷ. Қ., К р е й д и к Б. М., Н е в з о р о в В. В., Зироатҳои Тоҷикистон, Д., 1975.

БЕХМЕВАРЕЗАКУНАК, мошин барои шустану реза кардани бехмева. Саноати СССР Б.-и КПИ-4 ва МРК-5 мебарорад. Қисмҳои асосии КПИ-4: муҳаррики электрӣ, бордон, камераи резакунӣ (бо ду диски корддор), дека ва диски партоянда. Ба сӯрохии борпартои корпус дастакҳои боргир шинонда шудааст, ки бехмеваи резаро ба таҳвилнавор медиҳад. Бехмева ба воситаи диск ва кордҳо реза (бо андозаи 1—8 мм) карда мешавад. Маҳсулнокиаш 4—7 т/с.

БЕХТЕРЕВ Владимир Михайлович (1. 2. 1857, деҳаи Соралии губ. Вятка — 24. 12. 1927, Москва), невропатолог, психиатр, психолог, физиолог ва морфологи советӣ. Академияи тиббии ҷарроҳиро хатм кардааст (1878). Аз с. 1885 мудири кафедраи психиатрияи Ун-ти Қазон буд. Б. бори аввал дар ҳамин ун-т лабораторияи психофизиологӣ ташкил кард, журнали «Неврологический вестник» ва Ҷамъияти қазонии невропатолог ва психиатрҳоро таъсис кард. Б. аз с. 1893 проф. Академияи харбӣ-тиббии Петербург, проф. Ин-ти тиббии занона (1897), директори Ин-ти психоневрология (1908) ва аз с. 1918 ба Ин-ти омӯзиши мағзи сар (ҳоло Ин-ти давлатии рефлексологии ба номи В. М. Бехтерев оид ба омӯзиши мағзи сар) роҳбарӣ кардааст. Асарҳои Б. ба асосҳои тарбия ва рафъи аномалия дар рафтори одам бахшида шудаанд. Асосҳои анатомию физиологии мувозанат ва мувофиқшавӣ дар фазо, функцияи теппачаи босира ва маркази ҳаракат дар мағзи сар ва тарашшӯҳӣ узвҳои дохилиро кашф намуда, усули «рефлексҳои бомувофиқат ҳаракаткунанда»-и ҳайвон ва инсонро кор карда баромадааст. Б. беморихои шахшавии сутунмӯҳра (бемории Бехтерев), атаксия (бетартиб ҳаракаткунии) шадиди майначавии майзадагон ва ғ.-ро муайян кардааст. Вай барои муолиҷаи беморихои асаб ва рӯҳ давои «микстураи Бехтерев»-ро ҳосил карда, бо меҳнат ва тарбияи ҷисмонӣ табобат кардани ин касалиҳоро низ таъкид намудааст.

Ас.: Основы учения о функциях мозга, СПБ, 1903—07; Психика и жизнь, СПБ, 1904

Ад.: О с и п о в В. П., Бехтерев, М., 1947; П е т р о в с к и й А. В., История советской психологии М., 1967.

БЕХҶАСТ, нардҳое, ки аз муҷаҳои иловагӣ ва баъзан кӯрмуҷаи кунда ё решаи дарахт (булут, сада, тӯс, зайзафун, хубак ва ғ.) месабзанд. Дарахтони сӯзанбарг хеле кам Б. медиҳанд. Б. одатан тез месабзад ва ба навниҳол монанд мешавад. Дарахташ нисбатан кӯтоҳумр ва чӯбаш бадсифат аст. Б. дар ҷангалдорӣ, сабзкорӣ ва боғдорӣ истифода мешавад. Решаи бисьёр растаниҳои бисьёрсолаи алафӣ низ Б. ҳосил мекунанд.

БЕЧКА (Bečka) Иржи (тав. 16. 10. 1915), эроншиноси чех, доктори фанҳои адлия ва фалсафа. Фак-ти адлияи Ун-ти Карли ш. Прагаро хатм кардааст (1945). Аз шогирдони Ян Рыпка. Аввалин тадқиқоти шарқшиносиаш «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ ҳамчун инъикоси ҳаёти ҷамъиятии Осиёи Миёнаи охири а. 19 ва аввали а. 20» аст (1955). Қисми аз а. 16 то имрӯзи адабиёти тоҷикро барои «Таъриҳи адабиёти форс-тоҷик»-и Ян Рыпка (1956) ӯ навиштааст. Ин асар ба немисӣ, англисӣ, русӣ ва полякӣ нашр шуд. Б. доир ба адабиёти классикӣ ва советии тоҷик як миқдор тадқиқот дорад, ки дар Прага, Москва ва Душанбе ба табъ расидаанд. Инчунин повести «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ (1957) ва намунаи осори М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, С. Улуғзода, М. Миршакар, Ғ. Мирзо, Б. Жола, У. Раҷаб, Ш. Лоиқ, У. Кӯҳзод, Гулназар ва диг. адибони тоҷикро ба чехӣ тарҷума кардааст. Б. бо олимони тоҷик робитаи илмӣ дошта, борҳо ба Душанбе омадааст. Дар бисьёр конгрессу конференцияҳои байналхалқии шарқшиносон доир ба масъалаҳои гуногуни адабӣ маърӯзаҳо кардааст. Б. ба воситаи радио ва матбуоти Чехословакия дар таблиғу тарғиби адабиёти тоҷик хизмати шоён дорад. *В. Белан.*

БЕЧУАНАЛЕНД (Bechuanaland), с-ҳои 1885—1966 протекторати Британияи Кабир буд. Аз 30 сент. 1966— давлати *Ботсвана*.

БЕША, ҷ а н г а л, яке аз гиҳҳои асосии олами наботот; биогеоценозест, ки дар он буттаву дарахтон роли асосӣ мебозанд; аз як ё якчанд намуди дарахтони зичрӯй иборат, ки территорияи кам ё зиёдеро пӯшондааст. Олими рус Г. Ф. Морозов нахустин бор доир ба Б. маълумоти муфассали илмӣ дода, онро як қисми ландшафт шуморид, зеро растаниҳо якҷоя сабзида, хоки махсус, микроиқлим ва режими намнокиро ба вуҷуд меоваранд. Таълимоти Г. Ф. Морозов ба бешашиносӣ асос гузошт. Минбаъд илми Б.-ро геоботаники советӣ В. Н. Сукачёв инкишоф дода, Б.-ро ҳамчун *биогеоценоз* муайян намуд. Б.-ҳо сӯзанбарг, паҳнбарг ва омехта мешаванд. Вобаста ба шароити сабзиш ва намуди дарахтон Б.-ҳои санавбар, коҷ, абҳул, ладен, шарбин, булут ва ғ. вомехӯранд. Мувофиқи шароити ҷойгиршавӣ Б.-ҳои ҳамворӣ, хамию ҷарӣ, кӯҳӣ, наздидарьёӣ ва мувофиқи шароити иқлим Б.-ҳои тропикии нам, мавсимӣ, тропикии хушкидӯст (ксерофитӣ), баргрез, ҳамешасабз, сернами эпифитдор (ушна, фарк ва ғ.) мешаванд. Б. таҳрибан 30% хушкиро фаро гирифта, ғайр аз Антарктида дар тамоми қитъаҳои олам меруянд. Қисми зиёди майдони

Б. дар Америка (зиёда аз 30% масоҳ. материк) ва Осиё (беш аз 30%), камтаринаш дар Австралия (қариб 10%) воқеанд. Майдони бешазори СССР 746,8 млн га, ё худ 33,4% терр. мамлакатро ташкил медиҳад. Маҳсули асосии Б. чӯб буда, зиёда аз се як ҳиссаи захираи чӯби ҷаҳон дар СССР аст. Чӯбро ҳамчун масолеҳи бинокорӣ, сӯзишворӣ ва ашёи хом дар саноати целлюлозаю коғаз ва химия истифода мебаранд. Б. ба иқлим ва режими гидрологии дарьёҳо таъсири мусоид мерасонад, хокро аз эрозияи боду об муҳофизат мекунад.

Тоҷикистон республикаи аз ҳама камбешаи СССР аст (бешаҳо 2,6%). Майдони умумии бешазор 374,3 ҳаз. га, аз ҷумла 135,5 ҳаз. га арчазор, боқимонда бешазори паҳнбарг аст; ҷои аввалро пистазор (56,4 ҳаз. га), сонӣ фарк (41 ҳаз. га) ва чормағзор (9,2 ҳаз. га) мегирад. Дар Тоҷикистон Б.-ҳои паҳнбарг, резабарг, арчазор, Б.-ҳои камдарахти хушкидӯст (ксерофитӣ ё шибляк) ва тӯқай (турангу, санҷид ва ғ.) вуҷуд доранд. Зиёда аз 90% майдонро Б.-ҳои кӯҳӣ пӯшондаанд. Онҳо дар нишебаҳои қ-кӯҳҳои Ҳисор, Қаротегин, Туркистон, Зарафшон, инчунин қ-кӯҳҳои Дарвозу Пётри Якум дар баландии то 2700 м аз с. б. воқеъ буда, дар Помир то баландии 3500 м мерасанд. Тӯқай асосан дар поёноби д-ҳои Кофарниҳон, Вахшу Панҷ ва ғ. воқеъ аст. Тоҷикистон дорои 33 муассисаи хоҷагии ҷангал (1975), аз ҷумла 21 хоҷагии ҷангал ва хоҷагии мева, 5 станцияи обьёрӣ, управлениях ҳисоби хоҷагидории тайёр кардан ва фурӯҳтани меваҷоти беша, 4 с-зи ниҳолпарварӣ, 2 қӯрук аст. Онҳо доир ба ниҳолшинонии зидди эрозияи замин, минтақаҳои бешазори давлатӣ ва муҳофизати майдонҳо, боғу токпарвари корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд. Механизацияи хоҷагии ҷангал вусъат меёбад. Б.-ҳои Тоҷикистон анвои мева (чормағз, себ, олуча, писта, карокот), чӯбҳои хушсифат (арча, чинор, сафедор, тӯс, чормағз) медиҳад. Дар Б.-ҳо намудҳои зиёди растаниҳои дорувор, даббоғӣ, рангдиҳанда, равғану эфирдор, дарахту буттаҳои ороиши меруянд.

Ад.: Васильев П. В., Лесные ресурсы СССР сегодня и завтра, М., 1969; Морозов Г. Ф., Учение о лесе, дар кит.: Избр. труды, т. 1, М., 1970; Запрягаева В. И., Леса Таджикистана, в сб.: Леса СССР, т. 5, М., 1970.

БЕШАЗОРИ МУҲОФИЗ, минтақаи дарахтзори дасти нишонидаест барои аз эрозия пешгирӣ кардани талу адир, ба тартиб андохтани низоми намии маҳал, аз ҳодисаҳои ногувори табиӣ (гармсел, шамоли сахт, реги равон) нигоҳ доштани киштзор, боғот, обанбор, маҳалҳои аҳолинишин, роҳ ва ғ. Дар Тоҷикистон аввалин Б. м.-ро управлениях бешазоркунии Комиссариати халқии зироати РСС Тоҷ. с. 1932 дар мавзеи Селбурсои қисми ҷанубии қ-кӯҳҳои Ҳисор ташкил карда буд. Шинондани оммавии Б. м. аз с. 1947 сар шуда, с. 1973 ба 80 ҳаз. га расид, ки 90%-и он дар нишебии кӯҳҳо ва адирҳо воқеъ аст. Б. м. дар кӯҳҳо барои пешгирии эрозияи хок, тарма ва ба тартиб андохтани низоми намӣ барпо карда мешавад. Барои буньёд кардани Б. м. бештар дарахтони тут, себ, зардолу, олуча, чормағз, писта, аҷоқиё, бед, сафедор, чинор, санҷид, дӯлона ва ғ.-ро 2—10-қатора мешинонанд. Ба киштзору боғоти аксар хоҷагиҳои районҳои вил-ҳои Кӯлоб, Ленинобод ва водии Вахш гармсел, шамоли сахт, хокбод ва боди афғон зарари калон мерасонад. Минтақаҳои Б. м.-и киштзору боғот таъсири ин ҳамаро боз дошта, ҳарорат ба тартиб меандозад, намии ҳаворо зиёд карда, хокро аз эрозия нигоҳ медорад ва боиси фаровонҳосилии зироати х. қ. мегардад. Дар р-нҳои Шаҳртуз ва Ишкошим барои пешгирии регҳои равон бешазори регбанд шинонида мешавад. Ба Б. м. инчунин минтақаи сабзкории атрофи Душанбе, дарахтони атрофи роҳҳои пиёда ва автомобильгард низ дохил мешаванд.

Ад.: Лесные защитные насаждения, М., 1963; Инструктивные указания по проектированию и выращиванию защитных лесных насаждений в равнинных районах СССР, М., 1966. *У. Холдоров.*

БЕШАЗОРКУНӢ, буньёд кардани беша (бо усули қаламча, ниҳолшинонӣ ё кишти тухм) дар заминҳое, ки пештар беша надоштанд. Б. чорабинии давлатист. Дар Тоҷикистон асосан бо мақсади пешгирии хушксолӣ, эрозияи хок, мустаҳкамии нишебиҳои кӯҳу камар, ҷӯю каналҳо, ба тартибандозии низоми хок ва оби мусоиди иқлим, ҷорӣ намудани чорабиниҳои санитарию беҳдошти маҳалҳои аҳолинишин ва ғ. гузаронида мешавад. Дар Тоҷикистон Б. с. 1932 оғоз ёфта, 1965 ба 52200 га, 1973 ба 80 ҳаз. га (30467 га писта ва 20786 га чормағз) расид. Барои Б.-и маҳалҳои республика бештар шинонидани ниҳолҳои чормағз, писта, себ, олу, зардолу, бодом ва ғ. тавсия мешавад.

Ад.: Леса СССР, т. 5, М., 1970. *У. Холдоров.*

БЕШАРИҚ, деҳа дар С. қ. Пахтаобод, р-ни Восеи вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Коммунизм». Аз Б. то маркази С. қ. 8 км, то район 3 км, то ст. р. о. (Тӯгарак) 3 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1698 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, магазин ва фермаи механиконидашуда дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ—кирмакдорӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз д-ҳои Яхсу, Сурхоб ва пармачоҳҳо обьёрӣ мешаванд.

БЕШБУЛОҚ, деҳа дар С. қ. Озодӣ, р-ни Ёвони вил. Қӯрғонтеппа. Дар терр. с-зи сабзавоткорӣ ҷойгир аст. Аз Б. то С. қ. 1 км, то маркази район 4 км, роҳ асфальт. Аҳол. 676 наф. (1977), тоҷикон. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорию сабзавоткорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

БЕШКАППА, деҳа дар С. қ. Даҳанаи р-н ва вил. Кӯлоб. Терр. к-зи ба номи Амиршоев. Аз Б. то маркази С. қ. 5 км, то район ва ст. р. о. камбари Кӯлоб 23 км. Аҳол. 312 наф. (1976), тоҷикон. Магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ—пахтакорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо аз д. Яхсу ва обанб. Мӯминобод обьёрӣ мешаванд.

БЕШКАППА, деҳа дар С. қ. Қӯштеппаи р-ни Ленини РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Россия». Аз Б. то маркази С. қ. 1 км, то район 14 км. Аҳол. 3500 наф. (1977), ӯзбекҳо ва тоҷикон. Аз деҳа р. о. камбари Душанбе—Қӯрғонтеппа ва аз канори он роҳи мошингарди Душанбе—Қӯрғонтеппа мегузарад. Роҳаш асфальт. Мактаби миёна, касалхона, ст. хизмати техникии автомобильҳо, 2 магазин, 2 ошхона, чойхона, сартарошхона ва ғ. дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, чорводорӣ, обчакорӣ. Заминҳо ба воситаи канал аз д. Варзоб обьёрӣ мешаванд.

БЕШКАППА, деҳа дар С. қ. Турдиеви р-ни Москва, вил. Кӯлоб. Аз Б. то маркази С. қ. 4 км, то район 13 км. Аҳол. 238 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ, пункти тиббӣ, магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — асосан чорводорӣ, ҷангалпарварӣ. Деҳа аз д. Панҷ об мегирад.

БЕШКАППА, деҳа дар С. қ. Янгибозор, р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Коммунизм». Аз Б. то роҳи Душанбе—Норак 3 км, то маркази С. қ. 3 км, то район 6 км. Аҳол. 477 наф. (1976), тоҷикон. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо ба воситаи канал аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

БЕШКАППА, деҳа дар С. қ. Намунаи р-ни Панҷ, вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Пограничник». Аз Б. то маркази С. қ. 5 км, то район 18 км. Нақлиёташ автомобилӣ. Аҳол. 512 наф. (1976), ӯзбекҳо ва тоҷикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обьёрӣ мешаванд.

БЕШКЕНТ, водӣ дар р-ни Шаҳртузи вил. Қӯрғонтеппа. Дар байни қ-кӯҳҳои Туюнтоғ дар Ғ. ва Ариқтоғ дар Ш. воқеъ гаштааст. Дар Шим. теппаҳои паст (30—40 м) онро аз водии Кофарниҳон ҷудо мекунанд. Б. пастхамии байникӯҳӣ буда, аз Шим. ба Ҷ. васеъ ва тадричан паст шуда меравад. Тӯлаш 70 км, бараш то 5 км. Сатҳаш ҳамвор, баъзан пастию баландиҳо вомехӯранд. Дар қисми марказӣ баландии кӯндаланг (бал. 10—12 м) водиро ба ду тақсим мекунад. Водӣ (ғайр аз чанд чашмаи хурд) қариб беоб аст. Дар ҷануби он аз оби Чилучорчашма тақрибан 1000 га замин обьёрӣ мешавад. Б. яке аз водиҳои гармтарини республика ме-

бошад. Иқлимаш континентии хушк; ҳарор. миёнаи янв. 3,0° С, июль 31,9°С; (дар Айваҷ). Боришоти солона 140 мм. Дар водӣ шӯрзаминҳо ва хокҳои хокистарӣ бештаранд. Олами наботот биёбонӣ, растаниҳои эфемерӣ (хоклес) шубог, хор ва явшон меруянд. Аз ҳайвонот гург, шаҷол, харгӯш, муш, калламуш, юрмон, сангпушт, мор, калтакалос вомехӯранд. Ҳоло як қисми заминҳои ҷанубии водӣ барои лалмикорӣ истифода мешавад.

Б. кайҳост, ки диққати археологҳоро ба худ ҷалб намудааст. С. 1953 дар натиҷаи ҳафриёт олоти сангии сокинони қадими водиро пайдо карданд. Бозьёфтҳо ба ҳазорсолаи 5—6 то м. мансубанд. Маснуоти зиёди сафолӣ, ороишӣ ва олоти гуногун низ дастрас гардида, ашьёҳои бисьёре доир ба асри биринчӣ ва давраи Кушониён гирд оварда шудаанд.

Е. Н. Сквалецкий, Н. Худоиев.

БЕШКЕ́НТ, деҳа дар С. қ. «Комсомол»-и р-ни Шаҳртузи вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи «Бешкент». Аз Б. то С. қ. 8 км, то маркази район 10 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1565 наф. (1976), тоҷикон, ӯзбекҳо. Мактаби миёна, кинотеатр, пункти тиббӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

БЕШТЕГИРМО́Н, деҳа дар С. қ. Зарбдори р-н ва вил. Кӯлоб. Терр. к-зи ба номи Жданов. Аз Б. то маркази С. қ. 3 км, то район 8 км, то р. о. камбар 3 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1455 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, китобхона, пункти тиббӣ, кинотеатр, магазин, нонвойхона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ—пахтакорӣ ва кирмакдорӣ. Заминҳои деҳа аз д. Кӯлоб ва пармачоҳҳо обьёрӣ мешаванд.

БЕШТЕМИ́Р, деҳа дар С. қ. Янгийӯли р-ни Шаҳртуз, вил. Қӯрғонтеппа. Маркази к-зи «Меҳнат-Роҳат». Аз Б. то С. қ. 6 км, то маркази район 10 км, роҳ асфальт. Аҳол. 2279 наф. (1976), асосан ӯзбекҳою тоҷикон. Мактаби миёна, кинотеатри тобистонаю зимистона, таваллудхона, дорухона, пунктҳои тиббӣ, шӯъбаи алоқа, устохонаи таъмири пойафзол, сартарошхона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ—пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

БЕШТЕППА́, деҳа дар С. қ. Навободи р-ни Регар, РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Калинин. Дар сари роҳи автомобильгарди Душанбе—Тирмиз воқеъ аст. Аз Б. то маркази С. қ. 1 км, то район 12 км. Аҳол. 1171 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактабҳои миёна ва ибтидоӣ, клуби тобистона, магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — пахтакорию чорводорӣ. Заминҳо аз д. Шеркент обьёрӣ мешаванд.

БЕШТУ́Т, деҳа дар С. қ. Деҳқонободи р-ни Колхозобод, вил. Қӯрғонтеппа. Терр. с-зи «Москва». Аз Б. то маркази С. қ. 4 км, то район 16 км, то ст. р. о. Колхозобод 5 км. Аз деҳа р. о. Тирмиз—Қӯрғонтеппа—Ёвон ва роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа—Ҷиллиқӯл мегузарад. Аҳол. 627 наф. (1976), тоҷикону туркманҳо. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

БЕҒУМАЛИКИ КОСОНӢ بیغو ملک کاسانی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 12 форс-тоҷик. Б. К. аз ҳокимони қарахонии Фарғона буда, шоирони Моваройуннаҳрро сарпарастӣ кардааст. Авфӣ Б. К.-ро ҳамчун ҳокими Косон ва Марғелон ба тазкираш дохил кардааст. Б. К. шоири сохибдевон буда, девонаш дар замони Авфӣ ҳам камьёб будааст. Аз осори Б. К. дар «Лубоб-ул-албоб» қасидае дарҷ ёфтааст, ки бо сабки содда ва дилнишин суруда шудааст.

С. Саъдиев.

БЕҚАСА́Б, матои нимабрешимии якранг, рах-рахи гулдори мавҷнок. Тори онро аз абрешими нафиси сабз, кабуд, зард, сурх, гулобӣ, қаҳваранг тайёр мекунанд. Тори Б. аз 12 то 18 банд иборат. Ҳунармандони моҳир миқдори банди Б.-ро ба 30 мерасонанд. Тори Б.-и рахдорро одатан ба панҷ-шаш қисм тақсим карда, ҳар якеро алоҳида ранг медиҳанд. Ҳар як калобаро кушода, нахҳои кандашударо менайванданд ва якҷоя ба як чӯб чилла мекунанд. Ин амалиётро четма меноманд. Баъд устои нақшандоз мувофиқи нақши дилхоҳ рахи матоъро ҷо ба ҷо мекунад. Тори Б.-и гулдор бо роҳи баста ва кушода рангдиҳӣ нақш дода мешавад. Б.-и гулдор ба *адрас* ё подшоҳӣ шабоҳат дорад. Вале нахи тори Б. нафису пудаш риштаи ғафс, тори адрас ғафсу пудаш нафис аст. Аз ҳар чашми теғи дастгоҳ 6—8 нахи тори Б., 4 нахи тори адрасро мегузаронанд. Б.-ро якранг, рахдор ва гулдор мебофанд, аммо адрас танҳо гулдор мешавад. Б.-ро дар Бухоро, Самарқанд, Ленинобод, Фарғона мебофанд. Дар ин ҷо навъҳои зерини Б.-и якранг: «Сидами сабз», «Сидами зангор», «Сидами симобӣ»; Б.-и рахдор: «Байрақ», «Пудсафед», «Перӯза», «Тасма»; Б.-и гулдор: «Алабаси шохдор», «Бодомча» мебофанд. Аз Б. ҷомаҳо ва ҳаргуна либос медӯзанд.

Тасвирро нег. дар саҳ. 96—97.

Н. Турсунов.

БЕҲБУДӢ بهبودی Маҳмудхоҷа (1875, Самарқанд—1919, Каршӣ), яке аз роҳбарони ҷадидони Туркистон, нависанда ва журналист. Мадрасаро хатм кардааст, муфтӣ буд. Ба Миср, Туркия (с-ҳои 1900—1914) ва Қазону Уфа (1903—04) сафар кард. Барои мактабҳои ҷадидӣ китобҳои дарсӣ ва дастурҳои «Мунтахаби ҷуғрофияи умумӣ», «Китоб-ул-атфол», «Мухтасари таъриҳи ислом», «Амалиёти ислом», «Мадхали ҷуғрофияи имронӣ», «Мухтасари ҷуғрофияи Русия»-ро таълиф намуд. Б. мураттиб ва нашри «Туркистон, Бухоро ва Хива харитаси» («Харитаи Туркистон, Бухоро ва Хива»), муҳаррир ва нашри рӯзномаи «Самарқанд» (1913—14) ва маҷаллаи «Оина» (с-ҳои 1914—15) буд. Пьесаи «Падаркуш»-и вай ба ҳаёти савдогарон — вакилони буржуазияи навхез бахшида шудааст. Б. дар мақолаҳо, китобу рисолаҳо ва пьесаи «Падаркуш» манфиати синфии буржуазияи тиҷоратии маҳаллии кишварро ҳимоя менамуд. Б. исбот карданӣ мешуд, ки аморати Бухороро на сарнагун, балки дар асоси маърифати буржуазӣ ислоҳ бояд кард. Б. халқро ташвиқ менамуд, ки обрӯю эътибори ҳукумати подшоҳиро дар кишвар ҳамчун парастори халқ ҳимоя кунад. Б. Рев. буржуазию демократии феврали 1917-ро бо хушнудӣ истиқбол намуда, умед дошт, ки он ба буржуазияи маҳаллӣ ҳуқуқи калони сиёсӣ медиҳад. Б. моҳияти Рев. Октябрьро дарк карда натавонист.

З. Раҷабов.

БЕҲЗО́Д بهزاد Камолуддин (тақр. с. 1455, Ҳирот — 1535, ҳамон ҷо), бузургтарин мусаввир ва нақкош, ки дар Шарқ бо лақаби «Монии Сонӣ» ва дар Ғарб ба сифати «Рафаэли Шарқ» шӯҳрат дорад. Аз оилаи тоҷики ҳунарманд. Аз китобдори китобхонаи шоҳии Ҳирот — *Мираки Наққоши* Хуросонӣ таълим гирифта, дар андак вақт дар суратгарӣ ва нақкошӣ маҳорати тамом пайдо мекунад. Охири с-ҳои 70 а. 15 то с. 1507 дар китобхонаи Султон Ҳусайни Бойқаро (ваф. 1506) ба мусаввирӣ ва ороиши китоб машғул мешавад ва с. 1487 китобдори он мегардад. Бо саъйи кормандони ин китобхона санъати ороиши китоб ба поёни баланд мебарояд. С. 1512 Исмоили Сафавӣ Ҳиротро забт менамояд. С. 1520 Б.-ро ба Табрез, ки пойтахти ӯ буд, мебарад. Б. дар китобхонаи шоҳии Табрез хизмат карда, ба валиаҳди Исмоили Сафавӣ—Таҳмосб суратканӣ ёд медиҳад. С. 1524 Исмоили Сафавӣ вафот мекунад ва ба ҷои ӯ писари 12-солааш Таҳмосб ба тахт менишинад. Б. ба дасисабозиҳои аҳли дарбор тоб наоварда, ба зодгоҳи худ бармегардад ва дар ҳамон ҷо вафот мекунад. Қабри Б. дар Ҳирот ҳанӯз ҳам мавҷуд буда, зиёратгоҳ аст. Эҷодиёти Б. хеле гуногунҷанр ва басе мухталифмавзӯъ аст. Вай ҳам портретҳои муосиронаш, ҳам тасвири қаҳрамонҳои афсонавӣ, ҳам мусаввараҳои разму базми синфи доро, ҳам лавҳаҳои чурчозибаи лирикӣ, ҳам манзараҳои дилангези табиат ва ҳам лавҳаҳои ҳаёти меҳнатии халқро кашидааст. Б. истеъмоли рангҳои пасту латифро дар баробари рангҳои аслии баланду пуртаъсир дӯст дошта, рангҳои сардро бештар дар муқобили рангҳои гарм кор мефармудааст. Б. бисьёр асарҳои қаҳрамонӣ ва романтикии саромадони адабиёти форсӣ-тоҷик ва китобҳои таъриҳиро ороиш додааст. Қадимтарин осори ба дастдаромадаи Б. дар ин мавзӯъ «Бӯс-

Камолуддини Беҳзод (амали рассоми номаълум).

тон»-и Саъдист, ки онро *Султоналии Машҳадӣ* с. 1478 китобат карда, Б. ороиш додааст. Ин дастнавис дар китобхонаи Честер Битти (Дублин) нигоҳ дошта мешавад.

Бори диг. Б. с. 1488 бо хоҳиши Султон Ҳусайни Бойқаро «Бӯстон»-и Саъдиро оро медиҳад. Ин дастнавис, ки 6 расми ҷаззоб дорад, дар китобхонаи миллии Қоҳира маҳфуз аст. Дар расми 1 Султон Ҳусайни Бойқаро андаруни Чорбоғи Ҳирот дар айвон болои тахт нишастааст. Расми 2 намуди яке аз хонаҳои қаср аст. Расми 3 тасвири Доро ва галабонҳои вай мебошад. Дар расми 4 масҷид ё хонаҳоҳе акс ёфтааст. Арзиши ин расм дар он аст, ки услуби меъмориву бинокории замони Б., нигоришоти пештоқу нақши деворҳо аён ба назар мерасад. Расми 5 инъикоси мубоҳисаи ду донишманд аст, расми 6 аз сюжети «Юсуф ва Зулайхо» буда, аз қасри Зулайхо гурехтани Юсуф акс ёфтааст. С. 1467 Шералии Хаттот китоби «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздиро рӯйбардор мекунад. Дастнавис шаш тасвири дусаҳифагӣ, яъне 12 сурат дорад. 8 сурати он мутааллиқи қалами Б. аст. Ин дастнавис ҳоло дар ШМА — дар китобхонаи ун-ти Ҷон Хопкинс (дар Балтимор) маҳфуз аст. 8 сурати «Зафарнома» аз ҷиҳати мавзӯъ гуногун буда, манзарахои ҷанг, лаҳзаҳои зиёфату қабули шоҳон, шикор, бинокорӣ ва амсоли инро фаро мегиранд. Дар сурати аввал Амир Темур ва дарбориёни ӯ, дар тарафи чап вакилони мамолики хоричӣ акс ёфтаанд. Б. ҳар кадоми ин ашхосро дар либосу қиёфа ва истоди хос тасвир карда, композиция томеро ба вучуд овардааст. Дар мусаввараи қалъаи Хеваро фатҳ кардани Амир Темур акс шудааст — саворон ба қалъа даромаданд, борони тиру санг бар болои онҳо меборад, чандин нафар аз асҳо афтода истодаанд, вале лашкар пеш меравад. Дар даромадгоҳи қалъа чинори калоне тасвир ёфтааст. Ин чинори бузурги беҳаракат ва суръати ҳамлаи лашкариён тазоди ачиберо ба вучуд оварда, расмро аз ҷиҳати композиция хеле пурмазмун кардааст. Услуби таззод дар лавҳаҳои размии дигари Б. ҳам аён мегардад.

Реализми осори Б. бештар дар нигоришоте падидор мешавад, ки меҳнати халқро ифода мекунад. Дар чунин тасвирҳо ҳам ҳар як персонаж тасвири ба худ хос ёфта, ба диг. монандӣ надорад. Ду сурати «Зафарнома» меҳнати вазнини бинокории а. 15-ро нишон медиҳанд. Дар яке 15 ҳунарманду як корфармой акс шуда, чӯбкорҳо сутунҳоро арра мекунанд, сангтарошон санг метарошанд, наққошон нақш мекашанд, дар як аробаи аспӣ сангҳои мармарин ва дар фил боз кадом масолеҳеро овардаанд, ки чанд кас бо фаровардани онҳо андармонанд. 18 наф. диг. бо гилкорӣ, пардоз ва лойдиҳӣ машғуланд. Ин навъ расмҳо аҳамияти калони таърихӣ дошта, аз тарзи иморатсозӣ ва техникаи бинокории он аср гувоҳӣ медиҳанд. Агар дар давраҳои аввал Б. дар мавзӯъҳои гуногун (бештар дар мавзӯъҳои таърихӣ — қаҳрамонӣ) расм мекашида бошад, дар с-ҳои 90 а. 15 ва минбаъд дар эҷодиёти ӯ мавзӯъҳои лирикӣ бештар мавқеъ пайдо мекунанд. Вай «Хамса»-и Низомӣ (нусхаҳои 1492 ва 1495, Музеи Британия), «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ (с. ороишаш 1495, китобхонаи оммавии Ленинград ба номи Салтыков-Щедрин), «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор (Музеи санъати нафисаи Метрополитени Нью-Йорк) ва ғайраро оро дода, дар онҳо лаҳзаҳои ҷаззоби лирикиро тасвир мекунад. Дар онҳо пейзаж маҳоми калон дорад. Дар мусаввараи ошиқу маъшуқ дар кӯҳистон байни ҳайвонҳои ваҳшӣ акс ёфтаанд. Ранги оҳу, шер, уштур ва диг. ваҳшиён ҳамранги биёбон аст. Уштур об меҳӯрад. Дуртар қуллаи кӯҳҳову чанд дарахти сарсабз намудоранд. Осмони нилфом ва порчаи абри даргузар. Дар ин муҳит Лайлӣ сари Маҷнунро болои зону гирифта, ӯро навозиш мекунад. Гӯё тани низору қомати фартути Маҷнун аз нав ҷон мегирад. Аз ин сурат меҳри зиндагӣ ва нишоти ишқу шодмонӣ пайдост.

Санъати портреткашӣ низ дар эҷодиёти Б. мавқеи муҳим дорад. Аз маҳсули қалами ӯ портретҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Султоналии Хаттот, Ҳоҷӣ Муҳаммад, Султон Ҳусайни Бойқаро ва Шайбонихон то замони мо омада расидаанд. Аз портрети Ҷомӣ афкори баланд, аз расми Султоналӣ хоксорӣ, аз ҷабҳаи Ҳотифӣ самимият ва меҳрубонӣ ҳувайдо буда, рассом тавонистааст, ки ҷаҳони маънавии онҳоро ошкор намояд. Портрети Султон Ҳусайни Бойқаро аз ҳашамати ӯ гувоҳӣ диҳад ҳам, ғамгин менамояд, зеро дар охири салтанати ӯ мамлакат ноорам, мардум бенаво ва худи ӯ майзада шуда буд. Портрети Шайбонихон ба воситаи тазоди рангҳои гуногун эҷод гардидааст. Истеъмоли рангҳои мухталиф манзили Шайбонихонро басо мӯҳташам нишон медиҳад. Аммо дар ин расм ҳам қиёфаи рӯ аҳамияти ҳалкунанда дошта, ӯро чун марди забткор ва ҷоҳпараст пеши назар меорад. Тасвирҳои Б. ҳаётӣ, табиӣ ва боварибахшанд. Услуби мактаби рассомии Б. дар Ҳироту Самарқанд, Бухорову Табрез, Ҳиндустону Арабистон дер давом кард. Эҷодиёти Б. барои як қатор рассомони мактаби Ҳирот ва мактабҳои рассомии баъдина роли калон бозид. Қосимали Чеҳракушой, Мулло Дарвеш Муҳаммад, Дӯсти Девона, Шоҳ Музаффар, Шайхзодаи Хуросонӣ, Маҳмуди Музаҳҳиб ва диг. мусаввирони номӣ аз пайравони Б. буданд. Асарҳои Б. на танҳо намунаи нодири санъати тасвирии Шарқ, балки яке аз поясҳои баланди санъати тасвирии ҷаҳон ба шумор мераванд. Б. шеър ҳам менавиштааст, ки дар ин бора ҳамзамонҳои ӯ маълумот додаанд. Дар сарчашмаҳои адабӣ намунаҳои ашъори Б. оварда шудаанд.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 496—497.

Ад.: Айнӣ К., Беҳзод суратгари бузурги тоҷик, «Шарқи Сурх», 1956, № 1; Семёнов А. А., Портреты эпохи Навои, Ташкент, 1940; Норқулов Н., Низомиддинов И., Миниатюра таърихидан лавҳалар, Тошкент, 1970; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972; Ашрафи М. М., Бухарская школа миниатюрной живописи 40—70-е годы XVI в., Д., 1974. *А. Афсаҳзод.*

БЕҲЗОДӢ, бекзодӣ, навъи харбузаи миёнапазак. Бештар дар вил. Ленинобод, водии Вахш, инчунин РАСС Қарақалп., вил-ҳои Бухоро, Хоразм ва водии Фарғонаи РСС Ӯзб. мекоранд. Баъди 85—95 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш дарозрӯя, дарозиаш 34—40 см, вазнаш 3—5 кг. Пӯсташ



на он қадар ғафс ва камтӯри сабзи кушод, мағзаш мулоим, 7,1—9,3% қанд дорад. Аз ҳар га 230—250 ц ҳосил медиҳад. Дер намепояд.

БЕҲРӮЗИ ТАБАРӢ بهروز طبری (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 11 форс-тоҷик, дар давраи Ғазнавиён умр ба сар бурдааст. Ба ҷуз ин аз ҳаёт ва эҷодиёташ маълумоте мавҷуд нест. *Авфӣ* дар «Лубоб-ул-албоб» ҳангоми зикри номи Б. як қитъаи ӯро намуна овардааст, ки аз суханношиносӣ, бухл ва ҳасосат шикоят меравад:

Як сухан гӯямат ан рӯи якин,
Бишнав, ар бишнавӣ, сазад, ки
сазост.
З-он ба гетӣ суханшинос намонд,
Ки ато додан аз миен бархост.

Е. Э. Бертельс низ дар «Таъриҳи адабиёти форс-тоҷик»-аш аз Б. сухан ронда, ҳамин қитъаи ӯро зикр кардааст. *А. Абдуллоев.*

БЕҲҶАТ Мирзо Айюб (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири охири а. 18 ва аввали а. 19 тоҷик. Аз Исфара, писари шоир Мушрифи Исфароинӣ. Б. мадрасаи Қӯқандро хатм намуда, ҳамчун шоири тавопо, донишманд ва хаттот шӯҳрат меёбад. Вай дар мушоира ва назирагӯиҳои шоирони дарбори Умархони *Амирӣ* (1809—22) иштирок дошта, маҳорати худро собит намудааст. Девон доштан ё надоштани Б. номаълум аст. Аз тазкираҳо ва баёзҳо 116 ғазал, қасида ва 1 мухаммаси ин шоир ба даст омадааст. Ашъори Б. дар шаклу рӯҳи анъанаҳои назми классикӣ эҷод шудааст. *С. Султонов.*

БЕҶОДА (граната), гурӯҳи минерали силикатҳои мураккаби таркибашон таҳьирёбанда, формулаи умумиашон R_3^{2+} R_2^{3+} $[SiO_4]_3$; дар ин ҷо R^{2+} = Mg, Fe, Mn, Ca ва R^{3+} = Al, Fe, Cr аст. Дар радикали (SiO_4) як қисми Si ба Al^{3+}, оксиген бошад, ба гурӯҳи $(OH)^{-1}$ (мас., дар гидробеҷодаҳо) ивоз шуда метавонанд. Б. ба системаи кубӣ кристалл мебандад. Минералҳои гурӯҳи Б. аз ҷиҳати хусусиятҳои кристаллохимиявӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) Б.-ҳои магний, манган, оҳандор — пироп $Mg_3Al_2[SiO_4]_3$, альмандин Fe_3, $Al_2[SiO_4]_3$, спессартин $Mn_3Al_2[SiO_4]_3$; 2) Б.-ҳои кальцийдор — гроссуляр $Ca_3Al_2[SiO_4]_3$, уваровит $Ca_3Cr_2[SiO_4]_3$. Б. бештар дар ҳолати кристалл ва агрегатҳои донадор вохӯрда, беранг, зардча, сабз, бӯр, сиёҳ, сурх, ҷигарӣ ва гулобиранг мешавад. Сахтиаш 6,5—7,7; зичиаш аз 3100 то 4300 кг/м³. Б.-ҳо дар ҷинсҳои метасоматӣ — скарнҳо, рагҳои пегматитӣ (спессартин, альмандин), варақсангҳои метаморфӣ (пироп, демантоид), ҷинсҳои қаъриӣ — эклогит ва кимберлитҳо (пироп) ба вуҷуд меоянд. Инчунин дар рагҳои гидротермалӣ ва пошхӯрдаҳо вомехӯранд.Б.-ҳои шаффофу хушранг (пироп, альмандин, демантоид) ҳамчун санги қиматбаҳо дар заргарӣ ва хелҳои сахти он дар техника ҳамчун масолеҳи абразивӣ истифода мешаванд. Конҳои калонтарини Б. дар СССР (Урал, Закавказия), Ҳиндустон, Чехословакия ёфт шудаанд. Б. дар кӯҳҳои Помир низ дучор мешавад.

БЕҶОҒҲО (Agnatha), болосинфи ҳайвонҳои мӯҳрадори дарачаи паст. Б. аз *ҷоғдаҳонҳо* бо ҷоғи ғайриҳақиқии худ ва аз Б.-и ҳозира бо чуфтии пой ва сӯрохии бинӣ фарқ мекунанд. Б.-ро баъзан халтағалсамаҳо (Marsipobranchii) меноманд, зеро ғалсамаи онҳо ба халта монанд аст. Устухонбандии ғалсамавии панҷарашакл дар беруни халта ҷойгир мешавад ва ё бо зиреҳи берунӣ васл мешавад. Б. гурӯҳи васеъ паҳншудаи мӯҳрадорони давраи силур ва девон мебошанд. Дар олами ҳайвонот имрӯза аз Б. танҳо намояндаи гирддаҳонҳо—миногаҳо ва миксинаҳо боқӣ мондаанд.

БЕҶУМҶУМАҲО (Acrania), зертипи ҳайвонҳои хордадори дарачаи паст. Б. сари яклухт, бадани бандбанд, узвҳои соддаи ҳис дошта, ҷумҷума ва дил надоранд. Ду оилаи Б. маълум аст: Branchiostomatidae (19 намудро дарбар мегирад, ки маъмултаринаш мафсид аст) ва Amphioxididae (3 намудро дарбар мегирад).

БЕРНС (Burns) Роберт (25. 1. 1759, деҳаи Аллоуэй — 21. 7. 1796, Дамфрис), шоири шотландӣ. Шеърнависиро аз 15-солагӣ сар кардааст. Достонҳои ҳаҷвии «Ду чӯпон» (1784) ва «Дуои шайхи риёкор Вилли» (1785) Б.-ро ҳамчун шоири озодфикр шӯҳратманд намудаанд. Б. Рев. Каб. Францияро хушнудона пешвоз гирифт (шеъри «Пахли озодӣ» ва ғ.). Дуруст дарк кардани ақоиди пешқадами маорифпарварии франсавӣ Б.-ро ба эҷод кардани шеърҳои баландгояи замонавӣ ҳидоят кард. Ӯ дар ашъораш инсонро ҳамчун вуҷуди бебаҳо тавсиф мекунад. Ба ашъори Б. драматизми дохилӣ, салосати баёну соддагии ифода хос аст. Шеърҳои Б. ба бисьёр забонҳои олам, аз ҷумла баъзе шеърҳояш ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

БИАТЛОН (аз лот. bis — ду карат ва юн. athlon — мусобиқа, муборизаҳ), мусобиқаи нави зимистона аз рӯи ду намуди спорт: лыжаронию тирандозӣ. Масофаи мусобиқа 20 км тӯл кашида, дар чор нуқтаи муайян (аз панҷум то ҳаждаҳум км) варзишгар аз туфанг ба ҳадаф тир холӣ мекушад (ду маротиба рост истода ба ҳадафи диаметраш 30 см ва ду бор дароз кашида ба ҳадафи диаметраш 15 см). Дурии ҳадаф 150 м. Барои ҳар як тири хатохӯрда ду дақиқа ҷарима дода мешавад, ки он ба вақти тайкардаи ӯ илова мегардад. Б. аз с. 1960 ба программаи *Бозиҳои олимпии* зимистонӣ дохил карда шудааст.

БИБИКОВ Борис Владимирович (тав. 22. 7. 1900), режиссёр ва педагоги совети рус, проф. (1951), Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. (1965), Ходими Хизматнишондодаи Санъати РАСС Бошқ. (1959). Дар студияи М. А. Чехов таҳсил кардааст. Фаъолияти эҷодиаш ҳамчун актёр аз с. 1922 дар Студияи 1-уми Театри бадеии хурд (МХТ) сар мешавад. Режиссёр-ассистенти Театри Революцияи Москва. Аз с. 1934 инчонеб дар Ин-ти давлатии санъати театрӣ (ГИТИС) дарс медиҳад. Ӯ дар тарбияи кадрҳои эҷодии миллӣ барои республикаҳои иттифоқӣ ва автономӣ хизмати шоён кардааст: дар студияҳои туркманӣ, бошқирдӣ, аварӣ, тоҷикӣ ва диг. дарс додааст.

БИБИОТӮН, ниг. *Бибихалифа.*

БИБИСОЛЕҲА Қобилҳоҷаева, Ходими Ҷамолак (1862, Хуҷанд — 1942, Ленинобод), иштирокчии фаъоли шӯриши с. 1916 дар Хуҷанд. Аз оилаи косиб. Дар маҳаллаи худ ҳамчун ходима ном бароварда буд. С. 1916 ҳукумати подшоҳӣ дар бораи ба корҳои аҳкибгоҳ сафарбар намудани камбағалон фармон баровард. Писари ягонаи Б.— Абдуазиз ба мардикорӣ фиристода шуд. 4 июли 1916 халқи заҳматкаши Хуҷанд ба аломати норозигӣ нисбат ба ин фармон шӯриш бардошт, ки он ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ ва золимони маҳаллӣ нигаронида шуда буд. Дар майдони васеи назди қалъа байни шӯришгарон ва қӯшунҳои подшоҳӣ задухӯрди хунин ба амал омад. Оқсақоли шаҳр ва нӯкаронаш ба тарафи авом тир кушоданд. Дар ин вақт Б. аз байни шӯришгарон баромада, аз дасти полис милтиқашро гирифта шикаст ва ба ҳозирон муроҷиат намуд: «Фарзандонам, мард бошед, сар фуровардан ба душман барои мо гуноҳ!» Шӯриш бераҳмона пахш карда шуд. Номи Б. дар таъриҳи халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт гаштааст. Дар ш. Ленинобод кӯчаеро бо номи ӯ гузоштаанд. Халқи заҳматкаш дар ҳаққи Б. гуфтааст:

Ходим Ҷамолак мисли мард,
Бар миршабҳо ҳамла кард,
Милтиқи онҳоро гирифт,
Зад бар замин, шуд гард-гард.

З. Раҷабов.

БИБИХАЛИФА, омӯзгори мактабҳои қадимаи духтаронаи тоҷик. Б.-ҳо одатан занҳои миёнсол ё пир буданд. Онҳо дар ҳавлиҳои худ мактаб кушода, ба духтарон дарс мегуфтанд. Б.-ҳо бо омӯзонидани Қуръон, Чоркитоб ва инчунин шеърҳои мунтахаби Хоҷа Ҳофиз маҳдуд мешуданд. Б.-ҳо ба тарбиятгирандагони худ одатан навиштанро намеомӯхтанд. Аммо дар байнашон занони бомаърифат ва илмдӯст низ ёфт мешудаанд, ки ба духтарон тартиби хондан ва навиштанро омӯхта, онҳоро бо назм шинос мекарданд. *Р. Ҳошим.*

БИБЛИО... (юн. biblion—китоб), дар калимаҳои мураккаб муносибати калимаро ба китоб ифода мекунад, мас., библиография, библиотека ва ғ.

БИБЛИОГРАФИЯ (аз *библио...* ва *...графия*), соҳаи фаъолияти илмӣ ва амалӣ. Вазифаи асосии Б. доир ба асарҳои чопӣ ахборот додан ва онҳоро барои мақсади муайяни иҷтимоӣ тарғиб намудан аст. Илме, ки таъриҳ ва назарияи Б., ташкили корҳо ва методикаи Б.-ро меомӯзад, илми Б. номида мешавад. Он усули тартиб додан ва омӯхтани феҳрист, рӯйхат ва тавсифи асарҳои чопиро кор карда мебарояд, мазмуни асарҳоро кушода, ба онҳо баҳо медиҳад ва ғ. Феҳрист ва рӯйхати мазкур низ Б.

ном дорад. Б. аз чиҳати вазифааш — ахборӣ, танқидӣ ва тавсиявӣ, аз чиҳати мазмун ва навъи асар — умумӣ, махсус, тарчумаиҳолӣ, кишваршиносӣ, аз чиҳати вақти нашри асарҳо — ҷорӣ ва ретроспективӣ, аз чиҳати ҷои нашри асарҳо — давлатӣ, маҳаллӣ ё кишварӣ мешавад.

Библиографияи тореволюционии тоҷик. Гузаштагони мо дар қатори мероси бои илмию адабӣ дастурҳои хеле муҳими библиографӣ низ боқӣ гузоштаанд, ки дар китобхонаҳои Бухоро, Самарқанд, Марв ва ғ. маҳфузанд. Феҳристи китобхонаи Сомониён то давраи мо нарасида бошад ҳам, ба мавҷудияти воситаҳои муайяни Б.-и замонаш шаҳодат медиҳад. Рӯйхати дар тарҷумаи ҳол овардаи асарҳои Ибни Сино то охири а. 19 аз номгӯи нисбатан мукаммали осори олим ба шумор мерафт. Намунаи дастурҳои библиографии асарҳои диг. ҳам кам нестанд. Қисме аз онҳо дар феҳристи дастнависҳои форсӣ-тоҷикӣ ба-ҳисоб гирифта шудаанд. Вале тартиб додани Б. ба маънои том баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь вусъат ёфт. Аз рӯзҳои аввали Ҳокимияти Советӣ В. И. Ленин аҳамияти Б.-ро ҳамчун воситаи инкишофи илм, пешравии х. х., баландшавии савияи сиёсӣ ва маданиии омма махсус нишон дода буд.

Б.-и советии тоҷик қисми таркибии Б.-и советӣ буда, онро такмил медиҳад. Б.-и советии тоҷик аз с-ҳои 20—30-юм оғоз ёфтааст. Нахустин дастури библиографӣ феҳристи маъхазҳои асосӣ буд, ки дар охири «Намунаҳои адабиёти тоҷик» оварда шудааст. С. 1931 Нашриёти давлатии Тоҷикистон феҳристи аввалини худро баровард, ки он 425 номгӯй китобро дарбар мегирифт. С. 1936 нашриет феҳристи дуюмро бо 618 номгӯй китоб ба забони тоҷикӣ ба табъ расонд.

Дар асоси китобхонаи шаҳрӣ ташкил ёфтани *Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ* (1933) Б.-и тоҷикро боз ҳам ривоҷу равнақ дод. Таъсис шудани *Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон* (1936) дар Тоҷикистон ба Б.-и давлатӣ асос гузошт.

Дар с-ҳои 1950—70-ум Б.-и советии тоҷик хеле инкишоф ёфт. Махсусан пайдо шудани як қатор дастурҳои мукаммали Б.-и умумӣ: «Каталоги китобҳои РСС Тоҷикистон, 1926—56» (1960), «Китобҳои Тоҷикистони советӣ, 1951—61» (1963), «Китобҳои Тоҷикистони советӣ, 1962—66» (1967), нашри Палатаи китобҳои РСС Тоҷ. ва соҳавӣ: «Мирзо Турсунзода» (1953), «Мирсаид Миршакар» (1960), «Рӯдакӣ» (1965), «Партияи Коммунистии Тоҷикистон», «ГЭС-и «Дӯстии халқҳо»-и Қайроккум» (1962), нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷ. ба номи А. Фирдавсӣ: «Феҳристи асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти онд ба ӯ то охири солҳи 1961» (1963), нашри АФ республика: «Каталоги дастнависҳои шарқии Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон», ҷ. 1—3 (1960—68) ва боз даҳҳо дастурҳои библиографӣ аз тарафи диг. китобхонаҳо тайёр карда шуда, захираи Б.-и советии тоҷикро бой гардониданд. Ниг. низ *Тазкира*, *Феҳрист*.

Ад.: Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик, маҷм. мақолаҳо. Д., 1973; Вопросы развития таджикской национальной библиографии (Материалы республиканской научно-теоретической конференции. Октябрь), 1970 г., Д., 1973. *Р. Шарофов.*

БИБЛИЯ (юн. biblia — китобҳо), маҷмӯи китобҳои «муқаддаси» *дини яҳудӣ* ва *масеҳият*. Пайравони дини яҳудӣ танҳо қисми якуми Б.— Аҳди қадим *(Таврот)*-ро эътироф мекунанд, ки аз 5—4 қисми Б.-ро ташкил медиҳад. Масеҳиён дар қатори Аҳди қадим Аҳди ҷадид *(Инҷил)*-ро низ эътироф мекунанд. Аз рӯи таълимоти идеологҳои дини яҳудӣ ва масеҳӣ матни Б. натиҷаи ваҳйи илоҳист. Дар асл он маҷмӯи асотиру афсонаҳоест, ки ҳеҷ арзиши илмӣ надорад. Қироати Б. ҳам дар дини яҳудӣ ва ҳам дар масеҳият яке аз унсурҳои ибодат аст.

БИВАЧНЫЙ, пирьях, шоҳаи чапи поёни пирьяхи *Федченко*. Дар нишебаи шарқии қ-кӯҳи Академияи Фанҳо (Помири Ғарбӣ), дар баландиҳои 3480—5500 м воқеъ гашта, 14 шоха дорад. Тӯлаш 30,1 км, майдони умумии он 37,1 км². Ҳаҷми ях 8050 км³. Бори аввал онро с. 1909 Н. И. Косиненко тадқиқ кардааст.

«БИГИЗ», журнали ҳаҷвии тоҷикӣ, ки ба сифати иловаи газетаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» дар ш. Самарқанд с-ҳои 1931—36 нашр мешуд. «Б.» то с. 1931 бо номи «Мулло Мушфиқӣ» (аз 27 сент. 1926) ва дар с-ҳои 1929—30; 1936 бо номи «Мушфиқӣ» чоп шудааст. «Б.» дар таъриҳи нашриёти матбуот ва адабиёти советии тоҷик, хусусан дар ташаккули ҳаҷву мутоибаи моҳиятан нави тоҷик нақш аз Рев. Октябрь роли муҳим бозидааст. Адибони тоҷик Б. Азизӣ, А. Деҳотӣ, Ҷ. Суҳайлӣ, М. Аминзода, Т. Зеҳнӣ, Қ. Баҳлулзода, Ҳ. Карим, А. Одилзода ва диг. аз зумраи фаъолтарин ҳаҷвнависони «Б.» ҳисоб меёфтанд. Воқеиятҳои с-ҳои 20—30-юм тақозо мекард, ки мухбирону муаллифони «Б.» хабару мақолаҳои худро бештар бо имзоҳои мустаор чоп кунанд. Имзоҳои мустаоре, ки дар «Б.» бисьёр вомехӯранд, инҳоанд: Ҳардамхаёл (А. Деҳотӣ), Торсакӣ (Б. Азизӣ), Синбарсар (Ҷ. Суҳайлӣ), Қӯчқори бешох (Т. Зеҳнӣ), Ғунда, Неш, Моир, Каҷова Махсум, Мавҷӣ, Сайёд, Нотарс, Дусара, Роҳгузар. *С. Солеҳов.*

БИДИЗ, деҳа дар С. қ. Октябрь, р-ни Шуғнони ВАБК. Дар соҳили чапи д. Шохдара ва сари роҳи мошингарди Хоруғ — Роштқалъа ҷойгир аст. Аз Б. то маркази С. қ. 11 км ва район 6 км. Аҳол. 225 наф. (1976), то-ҷикон. Мактаби ибтидоӣ, пункти тиббӣ ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — ғаллакорӣ (гандум, ҷав), чорводорӣ. Сокинони деҳа аз д. Шохдара ва чашма истифода мебаранд.

«БИДОН» بدان китобест барои таълими забони арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ буда, муаллиф ва таъриҳи таълифаш маълум нест. Аз маълумоти «Шарҳи мулло»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ фаҳмида мешавад, ки «Б.» то давраи ӯ низ вуҷуд доштааст. Дар «Б.» ҳиссаҳои нутқ ва грамматикаи забони арабӣ содда ва мухтасар баён шудааст. Ҳангоми таълими забони арабӣ дар мадрасаҳо «Б.» пеш аз «Кофия», ки дастуруламали асосӣ буд, хононда мешуд.

БИДСТРУП (Bidstrup) Херлуф (тав. 10. 9. 1912, Берлин), рассом — карикатуристи Дания. Аъзои Партияи Коммунистии Дания. Дар Академияи рассомии Копенгаген (1931—35) таҳсил кардааст. Муаллифи асарҳои юмористӣ ва ҳаҷвӣ дар мавзӯъҳои маишӣ ва сиёсӣ. Асарҳои Б. бештар дар газетаҳо, аз с. 1936 дар «Сосиаль-демократен», аз с. 1945 дар газетаи коммунистии «Ланд ог фольк» чоп шудаанд. Асарҳои Б. чун альбоми алоҳида якчанд бор дар Дания ва давлатҳои хориҷа, аз он ҷумла, дар СССР чоп шудаанд. Лауреати Мукофоти байналхалқии ленинӣ «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» (1964).

БИДЪАТ (ар. بدعة — нав, илҳод, куфр), риоя накардани аҳком ва расму оини динӣ. Аҳли Б. ба муқобили беадолатии ичтимоӣ эътироз намуда, тамоми олами воқеиро олами бадӣ эълон карда, ба муборизаи зидди синфҳои ҳукмрон, ҳукуматдорон ва рӯҳониён даъват мекарданд. Мутаассибони дини ислом ҳар ақидаеро, ки ба Қуръон ва суннати пайғамбар мувофиқ наояд Б. (куфр) медонистанд ва таъқиб мекарданд. Бисьёр мутафаккирони озодфикр, аз ҷумла *Мансури Ҳаллоҷ*, Ибни Сино, Умари Хайём, *Айнулқузоти* Ҳамадонӣ, Яҳьё ибни Ҳабаши *Суҳраварди*, Насимӣ ба Б. айбдор карда шудаанд. Мафҳуми Б. дар дасти рӯҳониён воситаи муборизаи бар зидди мухолифони дин буд. *Н. Рустамов.*

БИЕБОН, территорияи иқлимаш хушки континентии арзҳои мӯътадил, субтропикӣ ва тропикӣ. Миқдори боришоти солонаи Б. 150—175 мм буда, бухоршавӣ назар ба миқдори солонаи боришот чандин маротиба зиёд аст. Ҷараёни обҳои рӯизаминӣ кӯтоҳмуддатанд ё вуҷуд надоранд. Обҳои заризаминӣ шӯр. Қабати хок тунук; концентрацияи намакҳо дар

хок зиёд аст. Олами набототи Б. ниҳоят камбаҒал, растаниҳояш камшоху камбарг, танҳо эфемерҳо, эфемероидҳо, суккулентҳо, галофитҳо мерӯянд. Ҳайвонҳо одатан шабгарданд. Киштзорҳо ба таври сунъӣ обьёрӣ мешаванд. Б.-ҳо санглох, гилин, регзор, шӯрзамин ва ғ. шуда, Б.-и Арктика аз ҷумлаи биёбонҳои махсус аст.

БИЁБОНИ АРАБ, الصحراء العربية биёбон дар Африка, қисми шим. шарқии Сахрои Кабир. Дар РМА, байни водии Нил ва Б. Сурх воқеъ аст. Дар Ҷ. то 22° а. ш. каналҳо ёфта, дар он ҷо бо биёбони Нубия пайваст мешавад. Қисми зиёди биёбонро пуштакӯҳҳои санглох, регзор ва оҳаксангӣ фаро гирифтаанд; онҳо аз Ғ. ба Ш. зина ба зина баланд мешаванд. Дар Ш., қад-қади соҳили Б. Сурх, қ-кӯҳи Атбай (баландиаш то 218 м) воқеъ, ки он аз ҷинсҳои қадими кристаллӣ таркиб ёфтааст. Иқлим гарм, баъзан якчанд сол паиҳам борон намеборад. Дар водиҳо ҷо-ҷо растаниҳои буттагӣ мерӯянд. Аҳолӣ асосан кӯчманчӣ; бо чорводорӣ (бузу гӯсфанд, шутур) ва дар воҳаҳо бо зироаткорӣ машғул аст. Дар соҳили Б. Сурх конҳои нефть, фосфорит ҳаст.

БИЁБОНИ КАЛОНИ ВИКТОРИЯ, биёбони регзор дар ҷан. Австралия, байни 26° ва 30° а. ҷ. Масоҳ. 300 ҳаз. км². Аз Ш. ба Ғ., аз қ-кӯҳи Стьюарт то ҳамвории Кӯлҳои Шӯр, ба масофаи 1200 км тӯл кашидааст. Баръаш то 550 км. Баландиаш аз с. б ба ҳисоби миёна 150—300 м. Ба рельефи он қ-теппаҳои регии баландиашон 10—30 м хосанд. Қ-теппаҳоро хорбуттаҳои спинифекс аз кӯчидан нигоҳ медоранд. Дар байни теппаҳо ақоқиё ва эвкалиптҳои пакана мерӯянд. Боришоти солона 125—250 мм. Биёбон беоб ва мушкилгузар аст. Онро с. 1875 нахустин бор тадқиқотчии англис Э. Ҷайлс тай кардааст.

БИЁБОНИ ЛИБИЯ صحراءليبيا биёбон дар Африка, дар шим. шарқи Сахрои Кабир, дар самти ғарбии д. Нил. Дар ҳудуди Либия, РМА ва Судон воқеъ аст. Масоҳ. қариб 2 млн км². Қисми шимолиаш пасти регзор, баландии хомаҳо то 300 м, шим. шарқиаш — пастхамии чуқури тектоникӣ (Каттара, аз с. б. 133 м паст), ҷанубиаш — пуштакӯҳи баландиаш 400—500 м. Иқлимаш тропикии биёбонӣ, дар Шим.— баҳримиёнаазамини, нимбиёбонӣ. Ҳарор. миёнаи янв. 12°—18° С, июль 28°—35° С. Боришоти солона 25—100 мм (баъзан тамоми сол намеборад). Набототаш камбаҒал. Аҳолии воҳаҳо бо парвариши хурмо, шафтолу, зардолу, ғаллакорӣ ва чорводорӣ машғуланд.

БИЁБОНИ НУБИЯ صحراء النوبية биёбон дар шим. шарқии Африка, бештар дар терр. Судон, байни д. Нил ва Б. Сурх. Сатҳаш пуштакӯҳест, ки аз Ш. ба Ғ. зина ба зина, аз 1000 м то 350 м паст шуда меравад. Кӯҳҳои алоҳида вомехӯранд, ки то 1240 м (дар Ғ.) баландӣ доранд. Дар Ш. ҷинсҳои қадими кристаллӣ ва регсангҳои таҳкурсӣ ба рӯ баромадаанд, дар Ғ. онҳоро рег пӯшондааст. Пуштакӯҳ бо водиҳои хушки бисьёре бурида шудааст. Боришоти солона 25 мм, ҳарор. миёнаи июль 30° С, янв. 15° С. Аз наботот баъзан гиёҳҳои хӯшадори хушкидӯст ва буттаҳои хордор вомехӯранд. Аҳолӣ бо чорводорӣ машғул аст. Аз Б. Н. р. о. ва мошингард мегузарад.

БИЁБОНИ РЕГЗОРИ КАЛОН, биёбон дар шим. ғарби Австралия. Масоҳ. 360 ҳаз. км². Баландиаш ба ҳисоби миёна 400—500 м. Қисми зиёдаш аз қатортеппаҳои регзор (аксар то 10—12 м.) иборат аст, ки онҳоро ҳамвориҳои шӯрзамину гилӣ аз ҳам ҷудо мекунанд. Кӯлҳои шӯри муваққати бисьёранд. Б. Р. К.— яке аз гармтарин ҷойҳои Австралия; ҳарор. миёнаи тобистон (дек.—февр.) 35° С, зимистон 20—15° С. Тобистон бодҳои мавсимии экваторӣ боришоти кам меоранд. Боришоти солона аз 200 то 450 мм. Зуд-зуд хушксолӣ рӯй дода, баъзан чандин сол паси ҳам давом мекунад. Набототаш асосан гиёҳҳои хӯшадор (спинифекс), ақоқиё ва эвкалиптҳои пакана. Биёбон сокинони муқимӣ надорад ва кам тадқиқ шудааст.

БИЁБОНИ СУРИЯ, Бодия т-ш-Шом بادية الشام биёбон дар терр. Сурия, Ироқ, Ӯрдун ва Арабистони Саудӣ. Масоҳ. тақрибан 1 млн км². Рельефаш пуштакӯҳ, ба самти Шим. Ш. то водии д. Фурот аз 800 м то ба 500 м паст шуда меравад; ҷо-ҷо кӯҳҳои баландиашон 1000—1100 м мавҷуданд. Б. С. асосан аз оҳаксангу мергельҳо таркиб ёфта, онҳо дар баъзе ҷойҳо бо қабати базальт пӯшида шудаанд. Хамиҳои сарбастаи шӯрзамину тақирзамин ва заминҳои регзору санглох бисьёр вомехӯранд. Иқлими биёбон субтропикӣ, континентии хушк; зимистон нарму тобистон гарм. Ҳарор. миёнаи янв. 6,9° С, июль 29,2° С. Боришоти солона қариб 100 мм. Биёбон беоб ва камнаботот. Буттаю нимбуттаҳо ва дар заминҳои хокистарранг гиёҳҳои хоклес мерӯянд. Бодиянишинони Б. С. бо бузу гӯсфанд ва шутурпарварӣ машғуланд. Аз оби чоҳҳо истифода мебаранд.

БИЗЕ (Bizet) Жорж Александр Сезар Леопольд (25. 10. 1838, Париж—3. 6. 1875, Буживаль, наздики Паргж),



бастакори франсавӣ. С. 1857 консерваторияи Парижро хатм кардааст. Шогирди А. Ф. Маркмонтел, П. Циммерман, Ж. Ф. Э. Гэлеви ва Ш. Гуно буд. 3 сол дар Италия ва аз с. 1860 дар Париж зиндагӣ кардааст. Б. аслан драматург буда, ба театри мусиқӣ низ таваҷҷуҳи калон дошт. Б. 20 опера ва романсу увертюраҳои бисьёре навишт. Б. дар операҳои «Дон Прокопио» (1858—59), «Ҷуяндагони марворид» (1863), «Соҳибҷамоли Перт» (1866) ва опереттаҳояш анъанаҳои операи лирикии франсавиро инкишоф додааст. Б. аксари асарҳои худро, аз ҷумла, операи «Иван Грозный»-ро ба охир нарасонидааст. Асари Б. операи «Кармен» (аз рӯи новеллаи П. Мериме, 1874) — қуллаи баланди реализми операвии а. 19, ба туфайли хушоҳангӣ, зебоии гармония ва шакл ба яке аз операҳои машҳуртарини ҷаҳон табдил ёфт ва дар репертуари Театри академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнии ш. Душанбе низ яке аз асарҳои асосӣ аст.

БИЙСК, шаҳр дар кишв. Олтои РСФСР, дар андароби д-ҳои Бия ва Катунь. Лангаргоҳ дар д. Бия, ст. р. о.; ибтидои роҳи автомобильгарди Чуя—Олтой. Аҳол. 212 ҳаз. наф. (1977). Дар Б. корхонаҳои мошинсозӣ (дег ва таҷҳизоти саноати хӯрокворӣ), саноати сабук (ф-каҳои дӯзандагӣ, пойафзол, тибит; комб. катон), саноати хӯрокворӣ (комб. гӯшт, панир; з-дҳои равғаи, қанду шакар, витамин ва ғ.), комб. химия, з-дҳои локу ранг, корхонаҳои чӯбгарӣ мавҷуданд. Ин-ти педагогӣ, фак-ти шабонаи Ин-ти политехникии Олтой, техникумҳои химияю механикӣ, механикию технологӣ, коркарди механикии чӯб, ҷангал, механиконидани х. қ. ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ, тиббӣ, х. қ., мусиқӣ, театри драма, музеи кишваршиносӣ дорад. С. 1709 ҳамчун қалъаи ҳарбӣ буньёд гардид; аз с. 1782 шаҳр.

БИКУНИДАН, ниг. *Маҳулот.*

БИЛИРУБИН (аз лот. bilis—заҳра ва ruber — сурх), $C_{33}H_{36}O_6N_4$, пигменти заҳра, ки аз вайроншавии гемоглобин дар *макрофагҳои* испурч, ҷигар ва мағзи устухон ҳосил мешавад. Дар плазмаи хуни ҳайвонот мӯҳрадору одам миқдори Б. кам аст. Ҳангоми касалиҳои ҷигар ва шараёни заҳра афзуниии Б.-и хун боиси *заъфарма* мегардад.

БИЛЬБАО (Bilbao — гузаргоҳи зебо), шаҳр дар шим. Испания. Марказ. вилояти таърихии баскҳо ва музоф. Бискай. Дар поёноби д. Нервьон, назди хал. Бискайи уқ. Атлантик воқеъ аст. Узели нақлиёт. Аҳол. 360,4 ҳаз. наф. (Бильбаои Калон қариб 600 ҳаз. наф., 1968). Б. яке аз марказҳои муҳими саноати вазнин. Соҳаҳои асосии саноаташ: металлургияи сиёҳ (з-дҳо дар маҳалҳои Сестао, Басаури, Баракальдо), мошинсозии вазнин (хусусан истеҳсоли таҷҳизоти р. о. ва киштисозӣ). Саноати химия (нуриҳои нитрогенӣ, пластмасса ва ғ.) дар тараққист. Корхонаҳои шишабарорӣ, бофандагӣ ва ғ. низ мавҷуданд. Ун-т, мактаби олии техникӣ, Музеи санъати нафиса дорад. Буньёдаш с. 1300.

«БИЛҚИС ВА СУЛАЙМОН» بلقيس و سليمان қиссаи ишқию романтикии машҳурест, ки байни чандин халқҳои гуногуни ҷаҳон (яҳудиён, мисриёни қадим, юнониҳо, эрониён, ҳиндиён, арабҳо, туркҳо, ҳиндуён, ҳабашҳо ва ғ.) машҳур будааст ва дар Таврот, Қуръон низ зикр ёфтааст. Донишмандони асримиёнагии Шарқ саргузашти Билқис ва Сулаймонро чун воқеаи таърихӣ ба қалам додаанд. Мувофиқи ривоятҳо Билқис маликаи Яман буда, чандин кишвари ҳамсояро ба итоати худ медарорад. Сулаймон (дар Таврот—подшоҳ, дар Қуръон — пайғамбар) аҳли Яманро, ки оташпараст будаанд, ба дини ҳақ даъват карда, ошиқи Билқис мешавад; ниҳоят ӯро ба никоҳи худ дароварда ҳафт сол зиндагӣ мекунад. Билқис вафот мекунад ва Сулаймон дар ёди ӯ дигар зан намегирад. Бино бар афсонаҳо, Сулаймон подшоҳи деву париён буда, забони мурғон ва ҳамаи ҷонворонро медонистааст ва қудрати ӯ аз хосияти нигинаш будааст. Дар фолклори тоҷик афсонаи «Б. ва С.» бисьёр вариантҳо дорад ва дар ин мавзӯъ зарбулмасалу мақол ва латифаҳои зиёде ба вуҷуд омадааст. Дар адабиёти форс-тоҷик бисьёр қиссаҳои мансур ва манзуми «Б. ва С.» мавҷуданд, ки маснавии нотамоми «Б. ва С.»-и *Файзии Даканӣ*, «Сулаймонноме»-и *Зулолии Хонсорӣ*, «Киссаи Сулаймон»-и Шарафуддини Табрези (а. 17), «Б. ва С.»-и Сӯфӣ (а-ҳои 17—18) аз он ҷумлаанд.

А. Афсаҳзод.

БИМЕТАЛЛ (аз лот. bis—ду карат ва *металл*), материали металлӣ ибораст аз ду қабати металлҳои гуногун ё ҳулаҳои гуногунҷинса (мас., пӯлод — алюминий, пӯлод — ниобий, алюминий — титан, титан — молибден ва ғ.). Б.-ро асосан бо роҳи якҷоя сахт фишурдани ду хел масолеҳи металли ё ҳулаҳои гуногун, дар рӯи металли душворгудоз давондани металли осонгудоз, ба маҳлули металли душворгудоз гӯтондани металли осонгудоз ва ғ. ҳосил мекунанд. Б. барои зиёд кардани мустаҳкамиву гармибардории конструкцияҳо, кам кардани массаи онҳо (ба максади сарфаи металлҳои қиматбаҳо ва нодир) ё чун материали махсусе истифода мешавад, ки бо интихоби ҷуфти мувофиқи металлҳо ба даст меояд. Мас., татбиқи Б. дар асбобсози бар истифодаи қиматҳои гуногуни коэф. васеъшавии ҳарор. металлҳое асос меёбад, ки Б. аз онҳо сохта шудааст.

БИНОКОРИ ХИЗМАТНИШОНДОДАИ РСС ТОҶИКИСТОН, унвони фахрӣ; 8 окт. 1958 Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. муқаррар кардааст. Ба бинокорон ва коркунони пешқадами инженерию техникии ташкилотҳои бинокорӣ ва лоиҳакашӣ, муассисаҳои тадқиқоти илмӣ ва корхонаҳои масолеҳи бинокорӣ, инчунин ба шахсоне, ки дар тарбияи кадрҳои бинокор хизматҳои махсус нишон додаанд ва аз рӯи ихтисос камаш 15 сол кор кардаанд, дода мешавад. Шахсоне, ки ба ин ном сарфароз мегардаанд, Грамотаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. ва нишони сарисинагӣ (ниг. расм) мегиранд.



Нишони сарисинагии «Бинокори Хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон».

Бинокорони Хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон инҳоанд:

1959: У. Қ. Абдураҳмонов, Е. Л. Анисимов, Е. Л. Барсукова, С. Л. Ворожцов, П. М. Дарчук, П. Я. Кузьменко, А. М. Масаидов, Р. П. Никаноров, З. Л. Ширяев;

1960: М. А. Арзуманов, М. А. Каримов, П. В. Корж, Х. З. Тоҳирова, Н. И. Тюрин, И. Д. Хома, Р. Хӯҷаев, Р. Шарифов, Л. П. Шведенко, М. А. Щетинин;

1961: В. Г. Парус;

1963: А. Д. Александров, В. И. Гроссвендж, Д. Донаев, Г. Ким, В. И. Передерий, В. И. Ригель, И. И. Русаков, О. Рустамов, Р. Саидов, В. В. Уткин, Я. М. Чевтаев;

1964: Г. И.Аброскин, Н. И. Ананич, Н. А. Анисимов, М. И. Журин, С. Калов, П. Г. Конкин, П. Е. Кратер, Е. М. Маршак, Р. Маҳмадалиев, С. Маҳмудов, Ч. Миров, Х. Муродов, В. Я. Ненахов, М. Я. Рыльский, А. А. Смоленьский, К. Удаева, Ҳ. Шодмонбеков, Н. С. Щупиков, М. Ҳабибов, Б. Ҳайдаров;

1965: А. Ф. Корейшо, Р. Пулодов, С. И. Салитра, К. В. Севенард, И. А. Сосновский;

1966: К. С. Буцан, Н. В. Простов;

1967: Т .Я. Шукуров;

1968: И. П. Симхович, В. М. Статников, П. Д. Хелемендик;

1969: Г. Я. Базяк, А. А. Вишняков, И. В. Гущин, А. И. Краененко, Г. В. Лебедев, Г. В. Молодцов, А. Ф. Мякошин;

1970: Р. Воҳидов, В. Д. Лыков, П. В. Прокофьев, Р. З. Шукуров;

1971: И. М. Войкин, И. Е. Ткачёв, И. М. Чумак;

1972: С. И. Баюшкин, Д. Е. Никитин;

1973: Н. А. Адейшвили, В. Н. Подлесков, К. П. Чернов, Я. К. Эккёрт;

1974: А. А. Беляков, Т. Гадоев, Э. Л. Гохгальтер, М. Ш. Гутенберг, Г. Зоҳаков, Н. М. Кольченко, И. В. Корж, И. Г. Корнюшкин, И. Ф. Ловчиков, Я. Г. Меламуд, Ф. Л. Мороз, Д. Одинаев, В. Н. Остапов, А. В. Питоня, Қ. Сафаров, Р. Файзуллоев, В. Н. Цой, М. Қосимов;

1975: А. К. Бондарь, В. Н. Васильев, Я. Я. Вейцель, В. А. Давыдов, Н. И. Ефимов, Е. А. Корешкова, Н. Ф. Латыш, Б. М. Ослаповский, Б. Ҳайдаров;

1976: С. А. Вавилова, В. П. Попко, А. Д. Шевцов;

1977: Ф. Алиев, В. С. Гришин, С. П. Коновалов, Ю. А. Корнеев, З. Махкамов.

БИНОМ (аз лот. bi — ду, nomen — ном), дуузва, сумма ё фарқи ду ифодаи алгебравие, ки узвҳои Б. ном доранд. Мас.

$$a + b,\ x - \frac{y}{1 + x^2}$$

ва ғ. Ниг. *Биноми Ньютон.*

БИНОМИ НЬЮТОН, номи формулае, ки дарачаи дилхоҳи бутуни мусбати суммаи ду ҷамъшаванда (бином, дуузва)-ро тавассути дарачаҳои ин ҷамъшавандаҳо ифода мекунад:

$$(a+b)^n = a^n + \frac{n}{1} a^{n-1} b + \frac{n(n-1)}{1 \cdot 2} a^{n-2} b^2 + \ldots + \frac{n(n-1)\ldots(n+k+1)}{1 \cdot 2 \ldots k} a^{n-k} b^k + \ldots + b^n, \quad (1)$$

ки ин ҷо n адади бутуни мусбат, a ва b ададҳои дилхоҳ мебошанд. Ҳолатҳои хусусии Б. Н.: $n = 2$, $(a + b)^2 = a + 2ab + b^2$; $n = 3$, $(a + b)^3 = a^3 + 3a^2b + 3ab^2 + b^3$; $n = 4$, $(a+b)^4 = a^4 + 4a^3b + 6a^2b^2 + 4ab^3 + b^4$ ва ғ. Коэф.-ҳои формулаи Б. Н.-ро коэф.-ҳои биномӣ меноманд; коэф.-и назди $a^{n-k}b^k$ бо $\binom{n}{k}$ ё C_n^k ишора мешавад. Ишорати дуюм бо *комбинаторика* алоқаманд аст: C_n^k адади комбинацияҳои байниҳамдигарии n элемент аз рӯи k мебошад. Коэф.-ҳои биномӣ хосиятҳои ҷолиб доранд: ҳамаи онҳо ададҳои бутуни мусбатанд; коэф.-ҳои канорӣ баробари 1 мебошанд; коэф.-ҳои аз канорҳо як хел дур баробаранд; онҳо аз канорҳо сӯи мобайн зиёд шуда мераванд; суммаи ҳамаи коэф.-ҳо ба 2^n баробар аст. Махсусан ин хосияти Б. Н. ҷолиб аст: суммаи ду коэф.-и ҳамсоя дар ҷудокунии $(a + b)^n$ ба коэф. муайяни ҷудокунии $(a + b)^{n+1}$ баробар аст; мас., суммаҳои коэф.-ҳои ҳамсоя 1+3, 3 + 3, 3 + 1 дар ҷудокунии $(a + b)^3$ барои формулаи $(a + b)^4$ коэф.-ҳои 4, 6 ва 4-ро медиҳад. Умуман

$$C_n^k + C_n^{k+1} = C_{n+1}^{k+1}$$

Дар асоси ин хосияти Б. Н. аз коэф.-ҳои маълуми $(a + b)^1$ сар карда, бо роҳи ҷамъ кардан тадричан ҳама коэф.-ҳои биномиро барои n-и дилхоҳ ҳосил кардан мумкин аст. Натичаи ҳисобро дар ҷадвал (ниг. *Секунҷаи арифметикӣ*) менависанд.

С. 1676 И. *Ньютон* имконпазирии барои дарачаҳои касрӣ ва манфӣ татбиқ кардани формулаи (1)-ро нишон

дод (онро танҳо с. 1826 Н. *Абель* исботи дақиқ кард). Дар ин намуди умумӣ ҳам формулаи Б. Н. чун формулаи (1) огоз меёбад; коэф.-и наздӣ $a^{n-k}b^k$ ифодаи $\frac{n(n-1)\ldots(n-k+1)}{1\cdot 2\ldots k}$ мебошад, ки барои n-и бутуни мусбат ва ҳама қиматҳои $k>n$ ба нол баробар мешавад, аз ин рӯ адади узвҳои формулаи (1) маҳдуд аст. Барои n-и касрӣ ё манфӣ ҳама коэф.-ҳои биномӣ аз нол фарқ мекунанд ва тарафи рости формула ба қатори беинтиҳо (қатори биномӣ) табдил хоҳад ёфт. Агар $|b|<|a|$ бошад, ин қатор наздикшаванда аст.

Формулаи Б. Н.-ро барои дараҷаи бутуни мусбат ҳанӯз а. 11 Умари *Хайём* медонист. Хайём бори аввал аз таҳти решаи дараҷаи n-ум баровардани қимати тақрибии ададро нишон додааст, ки он ба ҳисоб кардани ифодаи (1) вобастагӣ дошт: $\sqrt[n]{A}=\sqrt[n]{a^n+r}\approx a+r/[(a+1)^n-a^n]$ (2) Хайём дар «Фӣ-л-бароҳин ила-масоили-л-ҷабр ва-л-муқобала» ном рисолааш хотиррасон мекунад, ки ифодаҳои (1) ва (2)-ро таҳлил кардааст ва исботи онро дар «Мушкилот-ул-ҳисоб» метавон дучор кард. Мутаассифона, ин асари Хайём то ҳол дастрас нагардидааст, вале усул ва тарзи татбиқи формулаи Хайём дар асарҳои пайравони ӯ Насируддини Тӯсӣ, Ҷамшеди Кошонӣ ва Алоуддини Қушчӣ пурра баён ёфтаанд. Онҳо қоидаи Хайёмро тақвият дода, тарзи ёфтани коэф.-ҳои мобайниро низ нишон доданд.

Формулаи Б. Н. дар фаслҳои гуногуни математика (алгебра, назарияи ададҳо ва г.) васеъ татбиқ мешавад.

БИНОӢ بنائی Камолуддин Алӣ ибни Муҳаммади Сабз (1453, Ҳирот — 1512, Насаф, Қаршии ҳозира), шоир, таърихнавис ва оҳангсози тоҷик. Дар оилаи меъмор ба дунёё омада, аввалҳо «Ҳолӣ» тахаллус мекард. Дар ҷавонӣ илмҳои замонашро аз худ карда, дере нагузашта, чун шоир ба муҳити адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ роҳ ёфт. С. 1487 ба Табрез рафта, ба хизмати дарбори Султон Яъқуб (1479—90) даромад; бо *Дарвеши Деҳакӣ* вохӯрда, бо Қозӣ Исо, ки саркорбари адибони он кишвар буд, дӯстӣ пайдо кард. Машғулияти Б. дар Табрез, асосан, мутолиаи китоб («Сари савдои кас набуд маро, Ҷуз кутуб ҳамнафас набуд маро») буда, ин шуғл («Ҳар китобе, ки иштиҳоре дошт, Назари ман бад-он гузоре дошт») ба адиб имконият дод, ки материали фаровоне ҷамъ карда, ба навиштани асари машҳури худ — «Беҳрӯзу Баҳром» шурӯъ намояд. С. 1491 Б. ба Ҳирот баргашта, чанде дар он ҷо зиндагӣ кард. С. 1495 ба Самарқанд омада, ҳангоми сад рӯз дар дасти Бобур (охири нояб. 1497 — аввали марти 1498) мондани ин шаҳр бо ӯ қаробат пайдо кард, вале баъди ба дасти Шайбонихон гузаштани Самарқанд (1500) ба дарбори Шайбонихон роҳ ёфта, с. 1507 бо лашкари ӯ боз ба Ҳирот баргашт. Дар дарбори Шайбонихон обрӯ ва нуфузи Б. ба дараҷае мерасад, ки Шайбонихон навиштани воқеаҳои лашкаркашии худро ба ӯ супурдааст. Б. дар ин дарбор на фақат ҳамчун муаррихи бомаҳорат ва устоди назми тоҷик, балки чун донандаи амалия ва назарияи шеъри ӯзбекӣ эътироф мешавад: бештари ашъори туркии дар маҷлисҳои Муҳаммади Шайбонӣ хонда мешудагиро аз назари Б. мегузаронидаанд. С. 1510, пеш аз Ҳиротро забт кардани Исмоили Сафавӣ (1502—24) Б. зодгоҳи худро тарк карда, аз дарьёи Аму мегузарад ва дар Насаф (Қаршӣ) зиндагӣ ихтиёр мекунад. С. 1512 лашкари Исмоили Сафавӣ бо сардории Наҷми Сонӣ аз Аму гузашта, бисьёр мавзеъҳои Мовароуннаҳрро талаву тороҷ кард ва дар Қаршӣ қатли ом фармуд, ки дар ин миён Б. ҳам кушта шуд.

Б. адиби пурмаҳсул аст. Вай соҳиби се девон (яке бо тахаллуси «Ҳолӣ» ва дутояш бо тахаллуси «Биноӣ»), се маснавӣ, қасидаҳои зиёд, як сафарномаи насрӣ, чанд рисола оид ба мусиқӣ будааст. Дар байни осори Б. девонҳояш, маснавии «Беҳрӯзу Баҳром», қасидаи «Маҷмаъ-ул-ғароиб», асарҳои таърихии «Шайбонинома» ва «Футуҳоти хонӣ» шӯҳрати бештаре пайдо кардаанд. Ӯ дар мусиқӣ «Пӯҳранг» ва «Савтуннақш» барои оҳангҳо низ доштааст. Б. ба лаҳҷаи мардуми Ҳироту Марв ва Самарқанд як миқдор ғазалу қасида сурудааст. Девонҳои Б. аз ғазалу қитъа ва рубоиву қасида иборат буда, дар якҷоягӣ тақрибан 10.000 байтро ташкил мекунанд. Мавзӯи ғазалу рубоӣ ва қитъаҳои ӯ, асосан, мавзӯъҳои ишқӣ ва ирфонӣ аст. Ӯ дар ғазал равияи Саъдӣ, Хисрави Деҳлавӣ ва Ҳофизро пеш гирифтааст.

«Маҷмаъ-ул-ғароиб» — қасидаи тӯлонӣ буда, с-ҳои 1498—99 дар Самарқанд суруда шудааст. Аз ин қасида, ки ҳаҷмашро 501—876 байт ривоят мекунанд, 114 байт боқӣ ҳаст. «Маҷмаъ-ул-ғароиб» аҳамияти тарҷумаиҳолӣ дошта, муқаддимаи он ба лаҳҷаи тоҷикони Ҳирот будааст. «Беҳрӯзу Баҳром» дар баҳри хафиф навишта шуда, номи пурраи он «Достони Беҳрӯзи оқибатфирӯз ва Баҳроми нуҳусатанҷом» аст ва нусхаҳои мукаммали таҳрири охирини он дар ҳудуди 7700 байтанд. «Беҳрӯзу Баҳром»-ро Б. дар охири с-ҳои 80-и а. 15 шурӯъ карда, с-ҳои 1506—07 пурра аз таҳрири охирин баровардааст. Б. дар ин маснавӣ ба василаи саргузашти Беҳрӯз, ки намунаи инсони дорои ахлоқи ҳамида ва Баҳром, ки таҷассуми ахлоқи замима аст, доир ба масъалаҳои муҳимтарини ахлоқи инсон сухан ронда, ҷоҳпарастиву кибр, ситезакориву кинадорӣ, ғазабу бухл, ҳасаду ғайбат, дурӯғу мастӣ, шикампарастиву серхобӣ ва амсоли инро мазаммат карда, адлу дод, афву карам ва диг. хислатҳои неки одамиро тарғиб менамояд. Дар «Беҳрӯзу Баҳром» инчунин доир ба 32 нафар шахсони таърихӣ, аз қабили Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Қозӣ Исо, Абдулғафури Лорӣ, Низомулмулк, Сӯфӣ Халил барин муосирони худ ва Уқлидусу Буқрот, Анушервону Бузургмеҳр, Саъдуддини Тафтозониву Саъдии Шерозӣ барин гузаштагон ҳикоятҳое меорад, ки аҳамияти таърихӣ доранд.

«Шайбонинома» аз таърихи зиндагӣ ва лашкаркашиҳои Муҳаммади Шайбонӣ ривоят карда, бо насри соддаи омехта ба назм таълиф гардидааст ва воқеаҳои тақрибан то с. 1505-ро фаро мегирад.

«Футуҳоти хонӣ» низ дар хусуси «кишваркушоиҳои» Муҳаммади Шайбонӣ ва таърихи хонадони Шайбонӣ маълумот дода, бо воқеаҳои с. 1505 поён меёбад. Ин ду асар якдигарро пурра карда, доир ба вазъи умумии давлатҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрону Озарбойҷон, задухӯрдҳои байниякдигарӣ ва кашмакашҳои дохилӣ аз сарчашмаҳои муҳимтарин ба ҳисоб рафта, дар онҳо Б. назари худро доир ба тарзи давлатдорӣ, адлу дод ва бисьёр масъалаҳои ахлоқӣ низ баён кардааст. Б. аз симоҳои барҷастаи маданияти халқи тоҷик аст.

Ас.: Ҳикоёт ва тамсилот, Д., 1963.

Ад.: Мирзоев А. М., Биной, Сталинобод, 1958. *А. Афсаҳзод.*

БИНСИР (ар. بنصر — ангушти байни вусто ва хинсир), яке аз пардаҳои асбоби мусиқии уд (пардаи вусто), яъне пардаи уд, ки бо ангушти хурд зер карда мешавад. Бо ангушти миёна навохтани асбоберо низ Б. мегӯянд. Дар байни Б. ва хинсир, ним парда фосила вуҷуд дорад.

БИНӢ, д и м о ғ, қисми саршавии роҳи нафаси одам ва ҳайвоноти мӯҳрадор, ки аъзои шомма дошта, вазифаи резонаторӣ ва ҳимоявиро иҷро мекунад. Дар наздикии маркази рӯй ҷойгир аст.

Б.-и о д а м (ниг. расм) бо деворааи устухонӣ ва дар қисми пеш бо тағояк маҳдуд буда, аз боло бо косаи сар, аз паҳлӯ бо косахонаи чашм, аз поён бо ковокии даҳон ҳамшафат аст. Қисми пеши Б. бо муҳити беруна ба василаи як ҷуфт сӯрохӣ пайваст мешавад. Ковокии Б.-ро деворааи Б. ба ду ҳисса — рост ва чап, ки бо хоанаҳо интиҳо меёбанд, ҷудо мекунад. Хоанаҳо ба гулӯю бинӣ мераванд. Ҳар як деворааи берунии Б. сетоғӣ суфа доранд, ки онҳо Б.-ро ба роҳи болоӣ, миёна ва поёнии Б. ҷудо мекунанд. Пардаи луобии қисми нафаскашӣ бо эпителийи мӯйкдор пӯшида шудааст ва миқдори зиёди ғадуд ва рагҳои хунгард дорад. Ҳангоми бо Б. нафас гирифтан ҳаво қадре гарм, аз чанг ва микроорганизмҳо тоза шуда, намнок мешавад. Беморихои Б.-ро *оториноларингология* меомӯзад.

Дар антропология омӯзиши шакли берунии Б.-и одам барои муайян намудани нажоди ӯ аҳамияти



Бинӣ (бурриши дарозрӯя): 1 — холигии пешона; 2 — суфаи болоии бинӣ; 3 — роҳи болоии бинӣ; 4 — суфаи миёнаи бинӣ; 5 — роҳи миёнаи бинӣ; 6 — суфаи поёнии бинӣ; 7—роҳи поёнии бинӣ; 8—даҳлези бинӣ; 9 — катакчаҳои бинӣ; 10—коми сахт; 11—коми нарм; 12—наи Евстахий, ки ба ҳалқум кушода мешавад; 13 — холигии устухони асосии бинӣ.

калон дорад. Аломатҳои муҳими нажодию ташхисии одам инҳоанд: васеии Б., шакли деворан Б., баландии нӯки он, асоси Б. ва ғ. Мас., васеии Б. дар байни гурӯҳҳои нажодии ҳозира фарқи калон дорад. Онро бо таносуби васеии Б. исбот мекунанд. Чунин таснифи Б. вуҷуд дорад: то 69,9% — лепториния (ё бинии борик, асосан дар нажодҳои европой); 70,0—84,9% — мезориния; 85,0—99,9% — хамериния (ё бинии васеъ, асосан дар нажодҳои экваториалӣ).

БИО (Biot) Жан Батист (21. 4. 1774, Париж — 3. 2. 1862, ҳамон ҷо), физик, геодезист ва астрономи франсавӣ, аъзои АФ Париж (1803). Проф. Коллеҷ де Франс (1800) ва Ун-ти Париж (1809). Аз с. 1806 дар ҳайати комиссияи геодезӣ дар чен кардани дарозии меридиан иштирок кард. Корҳои илмии Б. асосан ба омӯзиши поляризацияи рӯшной, майдони магнитии ҷараёни электрикӣ ва акустика оиданд. Б. қонуни гардиши ҳамвории поляризацияи рӯшноиро муқаррар кард (1815) ва сахариметрияро асос гузошт. Ҳамроҳи Ф. Савар майдони магнитии ҷараёни ростхаттаро чен карда, қонуни муҳими электродинамика — *қонуни Био-Саварро* кашф кард (1820).

БИО... (юн. bios — ҳаёт), қисми калимаи мураккаб; 1) ба калимаи ҳаёт алоқа доштан (мас., биография); 2) алоқаманди ба ҳаёт, бо процессҳои ҳаёт (мас., биофизика); 3) аз ҷиҳати аҳамият бо биология алоқа доштан (мас., биокатализ)-ро мефаҳмонад.

БИОАКУСТИКА (аз *био...* ва *акустика*), яке аз соҳаҳои биология, ки овоз ва бо василаи овоз байни худ алоқа кардани ҳайвонотро меомӯзад. Б. бо экология ва экологияи ҳайвонот, бо морфология ва физиологияи узвҳои сигналбарору сигналқабулкунандаи ҳайвонот ва акустика алоқаманд аст. Дар процесси эволюция бо василаи овоз алоқа кардани ҳайвонот мураккабтар гардида, ҷои «овози механикӣ»-ро (овозеро, ки дар натиҷаи ба ҳам соиш хӯрдани қисмҳои гуногуни ҷонварони мухталиф ҳосил мешавад) тадриҷан «овози аслӣ» (овозе, ки бо ҷараёни ҳаво дар садопардаҳо ҳосил мешавад) гирифт. «Овози механикӣ» ба ҳашарот, харчанг, бисьёрпойҳо ва ғ. хос аст. Овози ҳамаи мӯҳрадорон, обҳокиҳо ва зиёда аз 1000 намуди моҳӣ (аз 42 оила) «овози аслӣ» аст. Б. ғайр аз аҳамияти назарияви, аҳамияти амалӣ ҳам дорад, мас., дар *бионика* (омӯзиши принципҳои ориентация ва локацияи акси садо бо мақсади истифодаи онҳо дар техника), дар масъалаи идора намудани рафтори ҷонварон (бо сигнал тарсондани паррандаҳо аз аэродромҳо), дар ихтирои усулҳои нави моҳигирӣ (биогидроакустика) ва ғ.

БИОГЕОГРАФИЯ (аз *био...* ва *география*), илм доир ба қонунияти паҳншавӣ ва тақсимоти географии растанию ҳайвонот ва ба гурӯҳҳо тақсимшавии онҳо; инчунин хусусияти фауна ва флораи терр-ҳои алоҳидаро меомӯзад. Б. ба *зоогеография* ва *фитогеография* тақсим мешавад.

БИОГЕОХИМИЯ, (аз *био...* ва *геохимия*), фасли геохимия, ки процессҳои геохимиявии дар *биосфера* бо иштироки организмҳо рӯйдиҳандаро меомӯзад. Б. роли организмҳоро дар процесси таърихии миграция, тақсимот, парокандашавӣ ва дар қишри Замин ҷамъ шудани элементҳои химияви муайян карда, мавзеъҳои биогеохимиявиро ошкору тадқиқ мекунад. Тадқиқоти биогеохимияви аз ҷумла барои ҷустуҷӯи конҳои маъдан бо роҳи муайян кардани миқдори ин ё он элементи химиявии растаниҳо ё хок, инчунин барои муқаррар намудани сабабҳои касалии растаниҳо, ҳайвонот ва одамон, ки аз норасоӣ ё зиёдатии ин ё он элемент ба амал меоянд, истифода бурда мешавад. Б. дар а. 20 инкишоф ёфт. Таъинот ва вазифаҳои Б.-ро аввалин бор дар СССР акад. В. И. Вернадский муайян карда, дар лабораторияи махсуси биогеохимия (ҳоло Ин-ти геохимия ва химияи таҳлилии ба номи Вернадскийи АФ СССР) кор карда баромад.

БИОГЕОЦЕНОЗ (аз *био...*, *гео...* ва юн. koinós — умумӣ), маҷмӯи компонентҳои зинда ва ғайризиндаи дар байни ҳамдигар бо мубодилаи модда ва энергия алоқаманд; яке аз системаҳои мураккабтарини табиат. Ба компонентҳои зиндаи Б. *организмҳои автотроф* ва *организмҳои гетеротроф* ва ба компонентҳои ғайризинда қабати атмосферои рӯи замин бо захираҳои газӣ ва манбаъҳои гармӣ, ҳоҳ бо захираҳои обию минералиаш, энергияи офтоб ва ғ. мансубанд. Дар Б. хусусан растаниҳои саба роли муҳим мебозанд. Онҳо материалҳои аввалии органикиро ҳосил карда, дар нигоҳ доштани таносуби оксиген ва гази карбонат дар ҳаво (ниг. *Фотосинтез*), дар гардиши об (ниг. *Бухоршавӣ*), дар ҳоҳ тақсим шудани микроэлементҳо ва ниҳоят таркиб ва ҷойгиршавии ҳайвонот ва микроорганизмҳоро дар Б. муайян мекунанд. Маҷмӯи Б.-и тамоми Замин биогеосфераро ташкил мекунад. Б. ва биогеосфераҳоро биогеоценология меомӯзад, ки асосгузораш олими советӣ В. Н. Сукачёв аст.

БИОЛОГИЯ (аз *био...* ва *...логия*), илм дар бораи ҳаёти органикӣ. Б. ҷиҳатҳои субмикроскопӣ (макромолекулавӣ), микроскопӣ (ҳуҷайравӣ), организмӣ (мавҷудоти бисьёрҳуҷайравӣ), то ба дараҷаи ташаккулёбӣ ба намуд, биоценози табиати зиндаро ва моддаи зиндаи биосфераро дар якҷоягӣ меомӯзад. Б. асоси назарияви илмҳои ба организми зинда алоқаманд аст. Эҳтиёҷи амалӣ ва маро̄қи одам нисбат ба ҳодисаҳои табиати зинда Б.-ро ба вуҷуд овардааст. Дар ташаккулу равнаҳи Б. ақидаҳои мухталифи файласуфон роли намоён бозидаанд. Тараққиёти Б. арсаи муборизаи байни материализму идеализм буд. Б.-и муосир соҳаи дифференциациашудаи табиатшиноси аст. То асри миёна Б. асосан бо маънидод кардани намудҳои растанию ҳайвонот равнаҳ меёфт. Дар а. 17 яке аз вазифаҳои муҳимми Б. таснифи мавҷудоти зинда буд. Ба систематикаи олами набототу ҳайвонот с. 1735 олими машҳури швед К. *Линней* асос гузошт. Б. дар а-ҳои 16—18 ба *ботаника* ва *зоология*, сипас ба *алгология*, бриология, *микология*, *лихенология* ва зоология, *протозоология*, *гельминтология*, *акарология*, *энтомология*, *орнитология*, *ихтиология*, *маммалиология* тақсим шуд. Бо талаботи рӯзафзуни тиб ва ветеринария *анатомияю эмбриология* ба вуқӯъ омада, дертар аз анатомия *физиология* ҷудо гардид. Дар а. 17 бо инкишофи механика ба организм бо ақидаи механикӣ назар мекарданд. Сабабҳои пайдоиши ҳаёти органикӣ маълум набуд ва аз ин рӯ ақидаҳои идеалистӣ (*витализм*, *креационизм*, *преформизм* ва ғ.) паҳн шудаанд. Дар ин давра Б. бо роҳи метафизикӣ тараққӣ кард. Ихтироъ ва истифодаи микроскоп дар аввалҳои а. 17 барои омӯзиши мавҷудоти зинда ба пайдоиши назарияи ҳуҷайра замина гузошт ва ин назария дар оянда асоси *цитология* гардид. Дар нимаи дуюми а. 19 *гистология*, *биогеография*, *экология* шакл гирифта, чун илм анатомияю эмбриологияи қиёсӣ пайдо шуданд. Дар миёнаи а. 19 пас аз кашфи назарияи эволюционии табиати зинда аз тарафи Ч. *Дарвин*, ки дар таърихи Б. ҳодисаи оламшумул буд, истифодаи методҳои таърихӣ маъмул гардид. Ин ба пайдоиши ҷараёнҳои

шаклгирифтан Б.: эмбриологияю морфологияи эволюционӣ ва ғ. боис шуд. Назарияи тараққиёти таърихӣ заминаи систематика, биогеография ва диг. соҳаҳои илми Б.-ро ташкил намуд. Дар нимаи дуюми а. 19 дар систематика ғайр аз организми бисьёрҳуҷайра мавҷудоти дараҷаи паст, яъне ҳуҷайра низ тадқиқ гардид. Бо такмили микроскоп ва ба роҳ мондани усулҳои микротомӣ, рангинкунӣ ва ғ., цитологияю протозоология равнақ ёфт. Кашфи Л. Пастер дар бораи хамронидан бо микроб ва таълимоти масунпят ба *микробиологияи* муосир асос гузошт. Дар а. 19 олимони маъруфи рус И. И. Мечников, С. Н. Виноградский, В. Л. Омелянский, Х. И. Гельман ва диг. дар инкишофи илмҳои биологӣ саҳми арзанда гузоштанд. Бо маъмулгардии усули таърихии тадқиқот дар Б. таваҷҷуҳи олимон нисбат ба сабабҳои тағьироти организм, моҳияти ирсият ва таъсири муҳити беруна ҳангоми мутобиқати организм дар онтогенез меафзояд. Татбиқи амалии ин проблемаҳо истифодаи усулҳои тадқиқоти экспериментало талаб мекард. С. 1866 Г. *Мендель* бо таҷриба қонуни асосии ирсиятро кашф кард, ки он асоси генетикаро ташкил медиҳад. Истифодаи маъмули усули экспериментали дар охири а. 19 боиси равнақи морфологияю эмбриологияи экспериментали гардид. Дар а. 20 дар Б. истифодаи методи илмҳои дақиқ (физика, химия, математика) оғоз ёфта, ба ташаккули соҳаҳои нави илм: *биохимия, биологияи молекулавӣ*, генетикаи молекулавӣ, *биофизика, радиобиология, биометрия, бионика* ва ғ. мадад расонд. Омӯзиши асоси молекулавии ҳаёт, *фотосинтез*, асоси материалии ирсият ва тағьирпазирии механизми синтези сафеда, таъсири системаи катализии фермент ва тадқиқи асоси реактивият ва масунпазирӣ, моҳияти процессҳои ангезиши асаб ва ғ. чуниранд проблемаҳои муҳими Б.-и а. 20. Дар даҳсолаи охир усулҳои нави тадқиқот (микроскопии электронӣ, спектрометрияи дифференциалӣ, таҳлили рентгеноструктурӣ, истифодаи изотопҳои радиоактив ва ғ.) аҳамияти калон пайдо намуданд. Комьёбиҳои Б. дар ҳадди молекула ба аҳамияти илмию амалӣ молик аст. Дар а. 20 биоценология ба вуҷуд омад, ки он донистани қонуниятҳои ба *биоценоз* хосро дар бар мегирад. Омӯзиши биоценозро эҳтиёҷоти хоҷагии халқ ҳам талаб мекард. Дифференциасияи Б.-и муосир натиҷаи процессҳои мухталиф аст: 1) ба фаслҳо ҷудошавии соҳаҳои томи илм бо ташаккули соҳаҳои алоҳидаи илм (мас., гулсангшиносӣ); 2) кашфиётҳои нав ва ба ихтирои объекти нав (мас., вирусология), диг. ҷиҳатҳои нави организми зинда (мас., тағьироти ирсӣ дар генетика) ё қонунияти умумӣ (назарияи эволюция); 3) коркард ё усулҳои нави тадқиқ (мас., физиологияи эволюционӣ, радиобиология); 4) омӯзиши процессҳои ба ҳамдигар наздики Б. ва диг. соҳаҳои илм (мас., биохимия) ё худи Б. дар байни соҳаҳои ҷудогонаи он. Комьёбиҳои нави Б.-и муосир танҳо бо якҷоя омӯхтан ва интеграцияи илмҳои мухталиф имконпазир аст. Дар инкишофи илмҳои биологияи ҷаҳон роли олимони советӣ, аз ҷумла олимони РСС Тоҷ. калон аст. Б.-и тоҷик таърихи қадиму бой дорад ва давраҳои муҳими он бо ному асарҳои Ибни Сино, Беруни, Хайём, Исмоили Ҷурҷонӣ, Носири Хисрав ва ғ. алоқаманд мебошад. Вале тадқиқи тиббӣ-географии флораю фаунаи Тоҷикистон дар охири а. 19 ва аввали а. 20 бо экспедицияи олимони русу советӣ А. П. Федченко, О. А. Федченко, Н. А. Северцов, Н. И. Вавилов, С. И. Коржинский, А. Э. Регель, В. Л. Комаров ва диг. оғоз ёфт. Равнақи ҳақиқии илмҳои биологӣ дар Тоҷикистон баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь ба вуқӯъ омад. Бо таъсиси Базаи тоҷикистонии АФ СССР секторҳои ботаника (1932), зоология ва паразитология (1934) ташкил шуда буд, ки с. 1941 онҳо ба Ин-ти ботаника ва Ин-ти зоология ва паразитологияи АФ РСС Тоҷ. табдил ёфтанд. С. 1964 шӯъбаи физиологияи Ин-ти ботаника ба Ин-ти физиология ва биофизикаи растанӣ табдил дода шуд. С. 1969 дар заминаи Боғи ботаникии Помир дар Хоруғ Ин-ти биологияи Помири АФ РСС Тоҷикистон таъсис ёфт. Дар такомулу ташаккули илмҳои биологӣ ва тайёр намудани ходимони илмӣ кафедраҳои биологияи Ин-тҳои давлатии педагогии ш. Душанбе ва ш. Ленинобод, Ун-ти давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин ва инчунин Комиссияи баҳдтар (1956) ба Шӯъбаи муҳофизати табиат табдилёфта, ки ҳоло дар назди Президиуми АФ РСС Тоҷ. амал мекунад ва диг. муассисаҳо роли муҳим мебозанд. С. 1937 коллективи олимони республика ба нашри «Флора Таджикской ССР»-и 10-ҷилда (5 ҷилд нашр шудааст) шуруъ намуданд. С. 1935 рисолаи К. К. Флеров «Звери Таджикистана», с. 1938 «Рыбы Таджикистана»-и Г. В. Никольский, с. 1940 «Птицы Таджикистана»-и А. И. Иванов ба табъ расида, минбаъд тадқиқоти зиёде дар омӯзиши фаунаю биологияи ҳашарот, нематодаҳои растанихӯр, хояндаҳо ва ғ., инчунин тадқиқотҳои пурраи геоботаникию фенологӣ ба роҳ монда шуд. Дар даҳсолаи охир дар республика Б.-и экспериментали равнақ ёфт. Ҷидду ҷаҳди ходимони Ин-ти физиология ва биофизикаи растании АФ РСС Тоҷ. ба ҳалли проблемаи комплексии омӯзиши сохти биохимиявӣ ва танзими генетикии фотосинтез равона карда шудааст. Дар баробари ин ба омӯзиши меъёри радиационӣ ва гармии замини кишт ва цепозҳои табиӣ диққати зиёд дода мешавад. Натиҷаи тадқиқотҳо доир ба Б. дар «Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон», «Докладҳои АФ РСС Тоҷикистон» ва маҷмӯаҳои соҳавӣ дарҷ мешаванд.

Ад.: Развитие биологии в СССР, М., 1967; Овчинников П. Н., Юнусов С. Ю., Некоторые проблемы ботаники, дар кит.: Наука Советского Таджикистана, Д., 1974; Наразиқулов М. Н., Зоологическая наука, её становление и развитие; Насыров Ю. С., Широкие горизонты экспериментальной биологии, ҳамон ҷо. *М. Н. Наразиқулов.*

БИОЛОГИЯИ КАЙҲОНӢ, яке аз соҳаҳои илми *биология*, ки масъалаҳои зеринро тадқиқ мекунад: 1) хусусиятҳои фаъолияти ҳаётии организмҳои заминӣ дар шароити фазои кайҳон ва ҳангоми парвоз дар киштиҳои кайҳонӣ (физиологияи кайҳонӣ, экофизиология ва экобиология); 2) принципҳои ба вуҷуд овардани системаҳои биологӣ барои фаъолияти ҳаётии аъзоёни экипажи киштиҳои кайҳонӣ ва станцияҳо; 3) шаклҳои ҳаёт беруни аз Замин (экзобиология). Б. к. ҷуз илми синтезӣ бо *астрономия, геофизика, радиоэлектроника* ва якчанд илмҳои диг., ки дар асоси онҳо усулҳои махсуси тадқиқот ба вуҷуд оварда шудааст, алоқаманд аст. Ҷиддӣ ба Б. к. дар намудҳои гуногуни организмҳои зинда, аз вирусҳо сар карда то ширхӯрон тадқиқот бурда мешаванд. Дар шаклгирии асосҳои илмии Б. к. ва *тибби кайҳонӣ* дар СССР тадқиқоти Л. А. Орбели, В. В. Стрельцова, Н. М. Добротворский, А. П. Аполлонова, О. Г. Газенко ва ғ.; дар ШМА Х. Армстронг, Р. Лавлейс, Х. Штругхольд ва ғ.; дар Франция Р. Гранньер; дар Италия Р. Маргари; дар РФГ Ю. Ашофф, О. Гауэр роли калон бозиданд. Олимони СССР ва ШМА дар тараққиёти Б. к. саҳми босазо гузоштанд. Якумин таҷрибаҳои биологӣ (асосан генетикӣ) дар қабатҳои болоии атмосфера ва кайҳон бо истифодаи кураҳои ҳавоӣ с-ҳои 30-юм дар СССР ва ШМА сар шуданд.

Вазифаи аввалиндараҷаи Б. к. омӯзиши таъсири омилҳои парвози кайҳонӣ (тезшавӣ, вибрация, бевазнӣ, маҳдудияти ҳаракат, изоляцияи пурра ва ғ.) ва фазои кайҳонӣ (радиация, вакуум ва ғ.) аст. Таҷрибаҳои биологии мавриди парвоз, ки дар аснои онҳо маҷмӯи таъсири омилҳои ғайримуқаррарии муҳити берунаро ба организми зинда омӯхтан мумкин аст, барои Б. к. аҳамияти махсус доранд. Давраи якуми тадқиқоти биологии дар СССР ва ШМА (с-ҳои 1940—50) дар шароити ба парвози кайҳонӣ наздик гузаронидашуда, парвозҳои бисьёркаратаи саг, маймун ва диг. ҳайвонҳо дар ракетаҳо ба баландии то 500 км аст. Дар ин тадқиқот имконияти муҳайё намудани шароитҳои зарурӣ барои зиндагонии ҳайвон дар кабинаи герметикии аппарати парвозкунанда; восита ва усул-

ҳое, ки бехатарии парвозро таъмин мекунанд; таъсири биологии шуоъафкании кайҳонӣ омӯхта шуданд. Давраи дуюми тадқиқоти биологӣ дар парвозҳои кайҳонӣ парвози «Лайка» ном саг дар радифи маснӯи Замин буд. Давраи сеюм ба ихтирои радиф-киштиҳои кайҳонии ба Замин баргарданда алоқаманд буд. Парвозҳои тачрибавии физиологӣ, биохимиявӣ, генетикӣ ва г. дар биообъектҳои гуногун — тухм, растаниҳои дарачаи олӣ, қурбоққа, микроорганизмҳо, ҳашаротҳо, ширхӯрҳо ва г. гузошта шуда буданд. Ин парвозҳо имконият доданд, ки таъсири омилҳои кайҳониро нисбат ба объектҳои биологӣ, баъди парвоз ҳаматарафа омӯзанд. Тачрибаҳои дар роҳи Замин — Моҳ — Замин гузаронидашуда этапи минбаъдаи ҳалли программаи тадқиқоти биологӣ дар кайҳон ба ҳисоб мерафт. Ин тачрибаҳо имконият доданд, ки эффекти биологии таъсири шуоъҳои кайҳонӣ бе майдони магнитӣ ва атмосфераи Замин омӯхта шавад. Дар натичаи тадқиқоти биологии дар ракетаҳои баландпарвоз ва баллистикӣ, радифҳои маснӯи Замин, радиф-киштиҳои кайҳонӣ ва диг. аппаратҳои кайҳонии парвозӣ муқаррар шудааст, ки одам дар шароитҳои парвози кайҳонӣ дар муддати як қадар дуру дароз зиндагонӣ ва кор карда метавонад. Ин якумин маротиба дар таъриҳи башарият бо парвозҳои кайҳонӣ дар киштиҳои «Восток-1» ва «Восток-2» (Ю. А. Гагарин — 12 апр. 1961; Г. С. Титов — 6—7 авг. 1961) исбот карда шуд. Парвози киштиҳои советӣ, баъд америкӣ бо одам натичаи ҳалли проблемаҳои Б. к.— коркарди асосҳои биологӣ ва принципҳои таъмини мӯътадили фаъолияти ҳаётии одам дар кайҳон ва як қатор чорабиниҳои муҳофизатӣ гардиданд. Тадқиқот дар соҳаи Б. к. минбаъд ҳам хусусан барои ҳалли як қатор масъалаҳо, аз чумла барои разведкаи биологии роҳҳои нави кайҳонӣ, кор карда баромадани парвозҳои биокомплексии дуру дароз ва г. заруранд.

Материалҳои оид ба тадқиқоти биологи ва тиббӣ дар кайҳон, дар СССР дар журнали АФ СССР «Космические исследования», дар нашрияи бисёрчилдаи «Проблемы космической биологии», дар журнали «Космическая биология и медицина» ва г. чоп мешаванд.

СССР якҷоя бо мамлакатҳои социалистӣ оид ба программаи «Интеркосмос» дар соҳаи Б. к. тадқиқот мебарад. С. 1972 дар байни ҳукумати СССР ва ШМА дар бораи ҳамкорӣ дар тадқиқ (аз чумла дар соҳаи Б. к.) ва истифодаи фазои кайҳон ба мақсадҳои осоишта созишнома имзо карда шудааст.

БИОЛОГИЯИ МОЛЕКУЛАВӢ, илмест, ки асоси молекулавии ҳаётро меомӯзад. Б. м. дар заминаи *генетика*, *биохимия* ва *биофизика* дар нимаи дуюми а. 20 ба вуҷуд омадааст. Усулҳои тадқиқоти генетикӣ, химиявӣ, физикавию химиявӣ, физикавӣ ва математикӣ дар ҳалли масъалаҳои Б. м. васеъ истифода мешаванд. Масъалаҳои асосии Б. м. муайяннамоии се саволи ташаккули сохти биополимерҳо (сафеда ва кислотаҳои нуклеин), механизми фаъолияти онҳо, алоқаи байни сохту вазифаашон, таъсири мутақобили онҳо бо диг. молекулаҳо, маълум кардани асосҳои молекулавии вазифаҳои мембранаҳои биологӣ мебошад. Муайян кардани сохти дуспиралӣ ва характери триплетӣ доштани коди генетикии КДН (ниг. *Кислотаи дезоксирибонуклеин*, *Ген*, *Коди генетикӣ*); сохти сечена ва муттасили аминокислотавии баъзе сафедаҳо; механизми фаъолияти сафедаҳо (пеш аз ҳама сафедаҳои ферментативӣ) ва вобастагии он бо конформацияи макромолекула; ҳалли баъзе масъалаҳои митохондриология, фотосинтези босира, процесси механохимиявии барангезиши асаб, ҳофиза, эмбриогенез ва г. аз қабили комьёбиҳои Б. м.-анд.

Дар СССР маркази асосии тадқиқоти молекулавию биологӣ Ин-ти биологияи молекулавии АФ СССР мебошад. Олимони намоён В. А. Энгельгардт, А. А. Баев, Ю. А. Овчинников, А. Н. Белозерский ва диг. дар ташаккул ва инкишофи Б. м. саҳми арзанда гузоштаанд. Аз с. 1967 журнали «Молекулярная биология» нашр мешавад.

Дар РСС Тоҷ. с. 1972 дар назди Ин-ти физиология ва биофизикаи растании АФ РСС Тоҷ. лабораторияи биологияи молекулавии хлоропласт ташкил шуд, ки бо тадқиқи биосинтези сафеда ва кислотаҳои нуклеин, роли онҳо дар шаклгирии сохт ва вазифаи хлоропласт машғул аст. Дар ҳамин лаборатория тадқиқи сохт ва функцияи ферменте, ки CO_2-ро ҳангоми фотосинтез ассимиляция мекунад, муайян намудани мавқеи синтези он дар ҳуҷайра ва ошкор кардани роли ҳар як воҳиди субъективӣ дар процесси катализи ферментативӣ идома дорад. Корҳои илмӣ оид ба Б. м. дар Тоҷикистон дар «Докладҳои АФ РСС Тоҷикистон», «Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон» ва маҷмӯаҳои соҳавӣ чоп мешаванд.

Ад.: Бреслер С. Е., Введение в молекулярную биологию, М.-Л., 1966; Энгельгардт В. А., Проблемы жизни в современной биологии, дар маҷм.: Ленин и современное естествознание, М., 1969; Белозерский А. Н., Молекулярная биология — новая ступень познания природы, М., 1970; Насыров Ю. С., Широкие горизонты экспериментальной биологии, дар кит.: Наука Советского Таджикистана, Д., 1974.

БИОЛЮМИНЕСЦЕНЦИЯ (аз *био*... ва *люминесценция*), дар процесси фаъолияти ҳаётии худ нурбарории организмҳо. Ҳодисаи Б.-ро дар бактерияҳо, растаниҳои дарачаи паст (занбӯруғҳо), ҳайвонҳои бемӯҳра (аз соддатаринҳо то ҳашаротҳо) ва моҳиҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Организмҳои аз худ нур бароранда дар баҳру уқьёнусҳо баъзан чунон бисьёр мешаванд, ки аз онҳо гирду атроф равшан мегардад. Агар дар муҳит оксиген бисьёр бошад организмҳои нурбарор (бактерияҳо, соддатаринҳо, харчангшаклҳо, занбӯруғҳо ва г.) доимо ва мунтазам нур бароварда меистанд. Б. аҳамияти калони биологӣ дорад. Б. барои ҳамдигарро ёфтани ҳайвоноти наринаю модина ба сифати сигнал хизмат мекунад, моҳиҳои обҳои чуқур ба воситаи Б. гизои худро дарьёфт мекунанд; ҳиборҳо бошанд ба воситаи Б. худро аз душмани худ муҳофизат мекунанд ва г.

БИОМАССА (аз *био*... ва *масса*), миқдори моддаи организмҳои зинда, ки бо граммҳо дар воҳиди сатҳ (1 м²), ё ҳаҷм (1 м³) ифода карда шудааст. Б.-и бактерияҳо, планктони растанигӣ ва ҳайвонӣ, организмҳои растанӣ (фитомасса) ва ҳайвон (зоомасса)-и тамоми рӯи замин ва г. ҳастанд. Б. ба муҳит, суръати афзоиш ва нестшавии организмҳо вобаста мебошад. Дар баҳру уқьёнусҳо асосии Б.-ро организми ҳайвонот ва дар хушкӣ организми растанӣ ташкил медиҳад. Б. бо баркаш ё миқдори организмҳои зиндаро ба вазни миёнаи насл зарб задан муайян карда мешавад.

БИОМЕ́ТРИЯ (аз *био*... ва *метрия*), фасли *биология*, ки дар таҳлили миқдории натичаҳои тачрибаву мушоҳидаҳои биологӣ ва ҳодисаҳои биологии организм усулҳои статистикаи математикиро истифода мебарад.

БИОНИКА (юн. bion — барҳаёт), илмест, ки дар ҳудуди биология ва техника ба вуҷуд омада, масъалаҳои инженериро дар асоси таҳлили сохт ва фаъолияти ҳаётии организм ҳал мекунад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо татбиқи донишҳои мавҷударо дар бораи табиати зинда бори аввал *Леонардо да Винчи* пеш ниҳод. Ӯ дар сохтани аппарати париши болзананда — орнитоптер кӯшид. Ба вуҷуд омадани *кибернетика*, ки принципҳои умумии идораву алоқаро дар организми зинда ва мошинҳо меомӯзад, барои васеътар омӯхтани умумияти сохт ва функцияи системаҳои зинда ва техникӣ, инчунин барои истифодаи маълумоти мавҷуда дар буньёди асбоб, механизм ва материалҳои нав имконият фароҳам овард. Симпозиуми якуми оид ба Б. (1960 Дайтон, ШМА), Б.-ро чун илми мустақил ба расмият даровард.

Тадқиқотҳои оид ба Б. масъалаҳои зерипро дарбар мегиранд: омӯхтани системаи асаби инсону ҳайвон ва моделонии ҳуҷайраҳои асаб — нейронҳо, бо мақсади такмили минбаъдаи техникаи ҳисобу буньёди таҳҳизоти нави автоматӣ ва телемеханикӣ





Ба маколаи РСС Белоруссия. 1. Дарьёи Свислочь. Дар мадди соҳи истирохатгохи «Белорусь». **2.** Минск. Майдони наздивокзал. **3.** Минск. Кӯчаи ба номи Ленин. **4.** Ёдгории «Қалъаи қаҳрамони Брест». Ҳайкалҳои «Ташнагӣ» ва «Аскари маҳзун». **5.** Заводи полиэтилени комбинати химиявии ба номи «50-солагии РССБ»-и ш. Полоцк. **6.** Ҷамъоварии картошка дар колхози «Красная Армия»-и райони Витебск.





Ба маколаи РСС Белоруссия. 1. [illegible] лабораторияхои Институти физикаи АФ РСС Белоруссия. 2. Дар лабораториии радиохимиаи Институти [illegible] АФ РСС Белоруссия. 3. Балисои Николай дар Могилев, оғози сохтмонаш 1669. 4. Касри спорт дар Ми[illegible] Д. Филимонов, В. Н. Малышев. 5. М. А. Савицкий. «Партизанмодаро». [illegible] Нисфистони Т[illegible] Минск. 6, 7. Сахнаҳо аз спектакльхои театри ба номи Я. Купала. 6. «Константин Заслонов»-и А. Мельзон, [illegible] 7. [illegible] аз руи асари И. П. Мележ. 1966. 8. Сахна аз спектакли «Кули кувон»-и П. И. Чайковский. 1967. Театри опера ва балети Белоруссия.

(нейробионика); тадқиқ кардани узвҳои эҳсос ва диг. системаҳои қабули организмҳои зинда, бо мақсади буньёд кардани датчику системаҳои ошкорсозӣ; омӯзиши принципҳои ориентация, локация ва навигация аз тарафи ҳайвонот ва истифодаи онҳо дар техника; тадқиқ кардани хусусиятҳои морфологӣ, физиологӣ ва биохимиявии организмҳои зинда бо мақсади ҷустуҷӯи ғояҳои нави илму техника.

БИОПСИЯ (аз *био*... ва opsis — дидан, тадқиқ), бурида гирифтани парчаи бофта ё аъзо аз организми зинда барои тадқиқи макро- ё микроскопӣ барои муайян кардани мавҷудият ва хусусияти процесси патологӣ. Б. яке аз усулҳои асосии дақиқи ташхис, муайянкунии хусусияти захм ва ошкор намудани омос, сил, бемории системаҳои хунофарин ва ғ. буда, ба интихоби усули дурусти муолиҷа ёрӣ мерасонад. Дар васеъ татбиқ намудани Б.-и ҷигар дар СССР роли *Институти гастроэнтерологияи АФ РСС Тоҷикистон* бузург мебошад. Дар ин ин-т исботи якхелагии маълумоти тадқиқи биопсиявии узв ва тағйироти структурии мавҷудаи он пешниҳоду маълумот оид ба аҳамияти ташхисии усули Б. материалҳои зиёд гирд оварда шудаанд. Ин-т нишондодро оид ба биопсияи ҷигар бо атласи тадқиқоти микроскопии бофтаҳои узв ба табъ расонд, ки он дар усули Б.-и ҷигар дастури асосӣ мебошад.

Х. Х. Максуров.

БИОСИНТЕЗ (аз *био*... ва *синтез*), ҳосилшавии моддаи органикӣ аз пайвастҳои содда дар организми зинда ва берун аз он, ки бо таъсири биокатализаторҳо — *ферментҳо* мегузарад. Б. як қисми процесси мубодилаи моддаи растанӣ, ҳайвонот ва микроорганизмҳо аст. Сарчашмаи бевоситаи энергия барои Б. пайвастҳои химиявии аз энергия бой ва энергияи шуои офтоб (ба ғайр аз бактерияҳо, ки *хемосинтез* ба амал меояд) аст, ки онро растанӣ бо *ассимиляция* ва *фотосинтез* ҷамъ мекунад. Б.-и берун аз организм дар *биофабрикаҳо* бо роҳи саноатӣ ҳосил намудани витамин, гормон, антибиотик, сафеда ва ғ. гузаронида мешавад.

БИОСФЕ́РА (аз *био*... ва *сфера*), табақаи махсуси кураи Замин, ҷои зисти организмҳои зинда. Б. қисми поёнии атмосфера (тропосфера), тамоми гидросфера ва қисми болоии қишри Замин (литосфера)-ро то чуқурии 2—3 км дарбар мегирад. Истилоҳи Б.-ро аввалин бор с. 1875 геологи австриягӣ Э. Зюсс ҷорӣ кард. Дар с-ҳои 20—30-юми а. 20 олими советӣ В. И. *Вернадский* оид ба Б. таълимоти умумиро ба миён оварда, дар асарҳои худ аҳамияти геологӣ ва геохимиявии онро муайян намуд.

БИОТЕХНИЯ (аз *био*... ва юн. techne—маҳорат), маҷмӯи тадбирҳои афзун намудани захираи ҳайвоноти фоидаовар ва беҳгардонии хосиятҳои маҳсулнокии онҳо. Дар СССР истилоҳи Б. с-ҳои 30-юми а. 20 баробари вусъат ёфтани чорабиниҳои давлатии парваришу муҳофизати ҳайвоноти шикорӣ пайдо шудааст. Ташкили фаъолонаи муҳофизати онҳо (бо роҳи ташкили мамнӯъгоҳҳо, ҳоҷагиҳои давлатии шикорӣ-мамнӯъгоҳӣ, муқаррар намудани мӯҳлати шикор ва ғ.) ба барқарор кардани саршумори бисёр ҳайвонҳои ваҳшии фоидаовар, парранда ва моҳӣ, ки қариб қир шудаанд, имконият медиҳад. Мақсадҳои асосии тадбирҳои биотехникӣ: 1) афзун намудани захираи ҳайвоноти шикорӣ — беҳтар кардани базаи хӯрок, лонагузорӣ, паноҳгоҳ, ба вуҷуд овардани «оромгоҳ»-ҳо, маҳви даррандаҳои хавфнок ва касалиҳои ҳайвонот, реакклиматизацияи ҳайвон, парранда, моҳӣ ва ғ.; 2) беҳтар кардани хосиятҳои маҳсулнокии ҳайвоноти шикорӣ — истифодаи селекция ва фаро овардани шароити мусоид барои афзоишу инкишоф ва маҳсулнокии ҳайвонот. Дар пешрафти Б. роли олимони советӣ махсусан Б. М. Житков, П. А. Мантейфель, С. И. Огнев, И. И. Арнольд, В. А. Мовчан ва диг. калон аст. Дар СССР ба ҳалли проблемаҳои илмии Б. ва ба амал татбиқ намудани онҳо Ин-ти тадқиқоти илмии умумииттифоқии хоҷагии шикор ва ҳайвонот ва диг. муассисаҳои илмӣ машғуланд.

Ад.: Кузнецов Б. А., Биотехнические мероприятия в охотничьем хозяйстве, М., 1967; Колосов А. М., Лавров Н. П., Обогащение промысловой фауны СССР, М., 1968.

БИОТИ́Т, минерал, абрақи оҳану магнийдор. Аз рӯи сохташ ба алюмосиликатҳои варақин мансуб аст. форм. химиявиаш $K(Mg, Fe)_3AlSi_3O_{10}(OH, F)_2$. Рангаш сиёҳ, бӯр, сабзи бӯртоб. Ҷилояш шишагун. Сахтиаш 2—3; зичиаш 3020—3120 кг/м³. Б. ҳамчун минерали ҷинсофарин дар таркиби ҷинсҳои фишонда ва метаморфӣ васеъ паҳн шудааст. Кристаллҳои калони он (1—1,5 м) дар рагҳои пегматитӣ дучор мешавад. Б.-ро дар маснуоти изоляционӣ ва хокаашро барои тайёр кардани ранги зарҳал истифода мебаранд.

БИОФАБРИКА, корхонаи давлатиест, ки барои ташхису профилактика ва муолиҷаи касалиҳои ҳайвонот препаратҳои биологӣ истеҳсол менамояд. Б. дар СССР с. 1930 дар заминаи лабораторияҳои ветеринарӣ ва станциҳои истеҳсоли вакцина ва зардоб (сыворотка) таъсис ёфтааст.

БИОФИ́ЗИКА (аз *био*... ва *физика*), физикаи биологӣ, илм дар бораи процессҳои физикӣ ва физикию химиявии ҳодисаҳои биологӣ, аҳамияти процессҳои физикӣ дар фаъолияти функционалии узву бофта ва механизми таъсири омилҳои физикӣ (садо, рӯшной, радиоактивӣ, лаппишҳои электромагнитӣ ва ғ.) ба организм. Б. дар заминаи илмҳои ғайрибиологӣ ва биологӣ инкишоф ёфта, аз як тараф бо физика, *химия*, *математика*, *кибернетика* ва аз тарафи диг. бо *биологияи молекулавӣ*, *биохимия*, физиологияю генетика алоқаи зич дорад. Б.-и муосир ба чунин соҳаҳои асосӣ ҷудо мешавад: Б.-и молекулавӣ (тадқиқи физикӣ ва хосияти физикию химиявии макромолекула ва комплекси молекулавии организмҳои зинда, инчунин характери таъсири байниҳамдигарӣ ва тавсифи энергетикии процессҳои дар он гузаранда), Б.-и ҳуҷайра (асосҳои физикӣ ва химиявии функцияи ҳуҷайра, энергетика ва термодинамикаи процессҳои дар ҳуҷайра баамалоянда, хосиятҳои механикӣ ва электрикии ҳуҷайра ва ғ.-ро меомӯзад) ва Б.-и процессҳои идоракунӣ ва танзим (тадқиқ ва башаклдарории алоқаи дохилии системаҳои идоракунӣ дар организмҳо, табиати физикии онҳо ва ғ.).

Проблемаҳои асосии назариявӣ ва амалии Б. бадалу тақсимоти энергия дар системаҳои биологӣ (биоэнергетика), омӯхтани роли структураҳои субмикроскопӣ дар процесси ҳаётгузаронӣ (Б.-и структурӣ); муайян кардани параметрҳои физикӣ ва физикию химиявии системаҳои зинда (потенциали электрикӣ ҳуҷайра, градиенти ионӣ, фаъолияти оптикӣ ва ғ.); омӯзиши таъсири шуоъафканиии ионӣ ба организми зинда (Б.-и радиационӣ); механизми тадохули ҳуҷайраю бофта (процессҳои истеъмол, таъсири фармакологии дору, таъсири моддаҳои заҳрнок); механизми процессҳои фотобиологӣ (фотосинтез, бинӣш, реакцияи фототанзимӣ); асосҳои физикию химиявии пигоҳдорӣ, интиқол ва амалӣ гардондани ахбори генетикӣ; механизми автотанзимии процессҳои ҳаётгузаронӣ. Алҳол ин проблемаҳо дар молекулаҳои организми зинда омӯхта мешаванд.

Ташаккули Б. ҳамчун илм аз нимаи аввали а. 19 оғоз ёфт. Асосгузорони он табиатшиносони маъруф Ю. Р. Майер ва Г. Гельмгольц буданд. Физиологи рус И. М. Сеченов ба инкишофи Б. дар Россия ибтидо гузошт. Дар қатори илмҳои диг. Б. пас аз Рев. Октябрь босуръат тараққӣ кард. Ин-тҳои биофизика, биологияи молекулавӣ, фотосинтез, биохомияи ба номи А. Н. Бах, химияи биоорганикии ба номи М. М. Шемякин, Ин-ти сафедаи АФ СССР, як қатор ин-тҳои АИТ СССР, ВАСХНИЛ, АФ республикаҳои иттифоқӣ ва ғ. ба марказҳои тадқиқоти биофизикии мамлакат табдил ёфтанд. Тараққиёти Б. бо корҳои олимони советӣ С. И. Вавилов, П. П. Лазарев, П. А. Ребиндер, Н. К. Кольцов ва диг. алоқамаند аст. Дар СССР корҳои илмии доир ба Б. дар журналҳои «Биофизика», «Молекулярная биология», «Радиобиология» ва ғ. нашр карда мешаванд.

Корҳои тадқиқотии Станцияи биологии Помир ибтидои тадқиқоти биофизикӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Дар ин ҷо аз с. 1949 сар карда, аввалин бор дар мамлакат усули истифодаи карбони радиоактив ^{14}C барои омӯхтани фотосинтез дар шароити табиӣ кор карда шуд ва татбиқи амалӣ ёфт. Ҳозир дар республика ба тадқиқоти васеи биофизикӣ лабораторияҳои Ин-ти физиология ва биофизикаи растанӣ (омӯхтани механизми таъсири модификационию мутагении шуоъафкании ионизациякунанда, радиацияи ультрабунафш ва шуоъафкании лазерӣ; шаклҳои моделонии молекулавӣ ва баъзе хосиятҳои функционалии системаи пигментии аппарати фотосинтези растанӣ, детерминацияи генетикии сохти онҳо; омӯхтани назорати генетикии ташаккули субмикроскопии хлорпластҳо), лабораторияи тадқиқоти тиббию биологӣ дар шароити баландкӯҳи Шӯъбаи муҳофизат ва истифодаи самараноки захираҳои табиии АФ РСС Тоҷ. бо ҳамкории Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (омӯхтани таъсири комплекси омилҳои физикии иқлими баландкӯҳ ба организми одам) машғуланд. Экспедицияҳои ҳарсолаи тиббию биологӣ дар паҳнкӯҳҳои Помир қобилияти ҳаётгузаронию коршоямии одамро дар шароити баландкӯҳ ва таъсири ин шароитро ба баъзе нишондиҳандаҳои морфологию физиологии одаму ҳайвон меомӯзанд. Натиҷаи тадқиқот доир ба Б. дар республика дар «Докладҳои АФ РСС Тоҷикистон», «Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон» ва маҷмӯаҳои соҳавӣ нашр мешаванд.

Ад.: Насыров Ю. С., Физиология древесных растений Таджикистана, Д., 1962; Ахмедов К. Ю., Лоренц О. Г., Медник Г. Л., Развитие медицинской науки в Таджикистане, Д., 1967.

Ю. Е. Гиллер.

БИОХИМИЯ (аз *био*... ва *химия*), химияи биологӣ, илм дар бораи омӯзиши таркиби химиявии организмҳо, табаддулоти химиявӣ ва процессҳои энергетикии ба онҳо хос, ки дар якчоягӣ асоси мубодилаи моддаро ташкил мекунанд. Б. бо *биофизика*, химияи органикӣ ва физикӣ, химияи пайвастҳои калонмолекула зич алоқаманд аст. Б. ба Б.-и микробҳо, Б.-и растанӣ, Б.-и ҳайвонот ва Б.-и одам тақсим мешавад. Аз нуқтаи назари ҷараёни тадқиқоти биохимиявӣ Б. ба Б.-и статикӣ (таҳлили таркиби организмҳо), динамикӣ (омӯзиши табаддулоти моддаҳо) ва функционалӣ (омӯзиши процессҳои химиявӣ дар асоси зуҳуроти гуногуни фаъолияти ҳаётӣ) ҷудо мешавад.

Бисьёр процессҳои биохимиявӣ, ки асоси истеҳсолоти гуногунро ташкил мекунанд, ба инсон аз қадим маълуманд (нонпазӣ, шаробкашӣ, чармгарӣ ва г.). Б. чун илм дар а. 17 ба вуҷуд омада, дар охири а. 19 ва аввали а. 20, вақте ки процессҳои оксидшавӣ дар организм, катализаторҳои биологӣ (ферментҳо), процессҳои харонидан, витаминҳо ва г. тадқиқ гардиданд, комилан ташаккул ёфт. Дар инкишофи Б. роли олимони рус — А. Н. Бах, В. С. Гулевич, А. Я. Данилевский, С. П. Костычев ва диг. калон аст. Дар а. 20 таркиби аминокислотавию сохти полипептидии сафеда, сохти фазоии миоглобин, гемоглобин, кислотаҳои нуклеинӣ (КДН ва КРН), реакцияҳои асосии мубодила дар организм, табаддулоти сафеда, ангиштоба, чарбу пурра омӯхта шуд. Б. дар натиҷаи истифодабарии усулҳои навтарини спектрофотометрӣ, хроматография, индикаторҳои изотопӣ, микроскопияи электронӣ, ультрацентрифугиронӣ, гистохимия ва г. ба муваффақиятҳои калон ноил гардид. Тадқиқоти биохимиявӣ доираи васеи масъалаҳои назариявӣ ва амалии биология, химия ва тибро дарбар мегиранд. Аз ин рӯ Б.-и муосир як қатор соҳаҳои илмҳои муштараки дар а. 20 мустақилшударо, аз ҷумла Б.-и тиббӣ (химияи процессҳои нормалӣ ва патологиро меомӯзад), Б.-и техникӣ ва саноатӣ (масъалаҳои истеҳсоли фоиданок, нигоҳдорӣ ва истифодаи маҳсулоти хом, ҳосилнокии растаниҳои боғӣ, технологияи шаробкашӣ, талаботи саноати хӯрокворӣ ва г.-ро меомӯзад), Б.-и гормонҳо (таркиби химиявӣ, бавучудои, механизми таъсиррасонӣ ва синтези гормонҳоро меомӯзад), *энзимология*, витаминология (витаминҳо ва аҳамияти онҳоро дар мубодилаи модда, меомӯзад) ва г.-ро муттаҳид мекунад. Комьёбиҳои Б.-ро ҳоло дар истеҳсолоти витамин, гормон, антибиотик, консервонии маҳсулот ва г. васеъ истифода мебаранд. Дар СССР дар тадқиқ намудани проблемаҳои алоҳидаи Б. олимон В. А. Энгельгардт, А. И. Опарин, А. М. Белозерский, С. Я. Северянин ва диг. саҳми калон гузоштанд. Масъалаҳои Б. дар Ин-ти биохимияи АФ СССР (Москва) ва дар як қатор ин-тҳои тадқиқоти илмии иттифоқӣ, республикавӣ ва г. омӯхта мешаванд. Асарҳои илмӣ оид ба Б. дар журналҳои «Биохимия», «Вопросы медицинской химии», «Успехи биологической химии» ва г. нашр мегаранд.

Дар РСС Тоҷ. тадқиқоти мунтазами биохимиявӣ с-ҳои 40-уми а. 20 дар станцияи биологии Помири АФ РСС Тоҷ. оғоз ёфта, ба қонунияти пайдоиши моддаҳои органикӣ ҳангоми фотосинтез ва мубодилаи ангиштобавии баъзе растаниҳои Помир бахшида шудаанд. Дар аввали с-ҳои 60-ум мавзӯи тадқиқоти биохимиявӣ хеле зиёд гардид. Хусусияти тағйироти таркиби химиявии растаниҳои хӯрокии Тоҷикистон дар баландиҳои мухталиф (Ин-ти чорводории Вазорати хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷ.), ғизогирӣ ва мубодилаи моддаи растаниҳои цитрусӣ, дарахтони мева ва гиёҳҳои сабзавотӣ дар шароити Тоҷикистон (Ин-ти боғдории ба номи И. В. Мичурин) ва г. тадқиқ карда шуданд. Ҳоло дар як қатор ин-тҳои АФ Тоҷ. (Ин-ти ботаника, Ин-ти физиология ва биофизикаи растанӣ, Ин-ти биологияи Помир, Ин-ти гастроэнтерология), инчунин кафедраи физиологияи растании Ун-ти давлатии Тоҷикистон оид ба Б.-и пахта, Ин-ти педагогии ш. Душанбе оид ба ҷудо карда гирифтани моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол аз таркиби растанӣ, дар Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон, Ин-ти тадқиқоти илмии эпидемиология ва гигиенаи Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. доир ба Б.-и тиббӣ тадқиқот гузаронида мешаванд. Таркиб ва хосиятҳои сафедаҳо дар Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. мунтазам омӯхта мешаванд. Корҳои илмӣ оид ба Б. дар республика дар «Докладҳои АФ РСС Тоҷикистон», «Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон», маҷмӯаҳои соҳавӣ нашр мешаванд.

Ад.: Физиология древесных растений Таджикистана, т. I, Д., 1962; Фердман Д. Л., Биохимия, М., 1966; Развитие биологии в СССР М., 1967; Биохимия растений, М., 1968.

Х. Х. Каримов.

БИОЦЕНОЗ (аз *био*... ва юн. koinós — умумӣ), маҷмӯи организмҳое, ки дар муҳити шароиташ якхела ҳамроҳ зиндагӣ мекунанд. Ҳайвонот ва растаниҳое, ки дар Б. зиндагӣ мекунанд, доимо дар алоқамандии тарафайн мебошанд, ки ин ба шароити ҳаётгузаронии онҳо таъсир мерасонад. Истилоҳи «Б.»-ро биологи немис К. Мёбиус (1877) пешниҳод кардааст. Б. як қисми комплекси умумии табиӣ — *биогеоценоз* ба шумор рафта, мунтазам ташаккул меёбад. Дар процесси дуру дароз як Б. ба Б.-и диг. иваз мешавад. Фаъолияти хоҷагии инсон метавонад Б.-ро ба фоидаи худ тағйир диҳад. Муносибати байни намудҳоеро, ки барои ду ва ё якчанд намудҳои дигар шароити мусоид фароҳам меоранд, ёрии тарафайн меноманд. Мас., растаниҳое, ки бо ёрии ҳашарот гардолуд мешаванд, ба ҳашаротҳое, ки гарди як растаниро ба растании дигар бурда боиси гардолудшавӣ мегарданд, мӯҳтоҷанд. Дар ҳолати дигар муносибати тарафайни намудҳо нисбат ба ҳам мутақобиланд. Мас., ҳамдигарро хӯрдани ҳайвонҳои дарранда. Агар ду намуд аз шароити якхелаи муҳит ғизо гиранд ва он миқдоран кам шудан гирад, онгоҳ муносибати байни намудҳо рақобати байниякдигарӣ мешаванд. Мас., растаниҳо барои равшанӣ ва намакҳои минералии таркиби хок байни ҳам рақобат мекунанд; растаниҳое, ки шоху нояшон инкишоф ёфтааст, равшаниро бештар гирифта тез месабзанд ва баръакс растаниҳое, ки дар зери соя шоху барги онҳо мемонанд, нобуд мешаванд ё суст месабзанд. Дар байни ҳайвонҳои дарранда низ чу-

нин рақобати байниякдигарӣ дида мешавад. Антибиози микробҳо низ яке аз шаклҳои ҳамин гуна рақобат аст. Мас., занбурӯғи пенициллиум ҳангоми интихоби ғизо сабзиш ва афзоиши бисьёр бактерияҳоро боз медорад. Ҳамроҳ ҳаётгузаронии организмҳо низ шаклҳои гуногун дорад. Мас., *симбиоз, комменсализм, паразитизм* ва ғ. Омӯзиши Б. аҳамияти калони амалӣ дорад. Мас., донистани қонунҳои Б. ҳангоми ба шароитҳои нав муқимӣ намудани ҳайвоноти мӯйнадеҳ, муборизаи бурдан бо зараррасонҳои х. қ. ва ғ. муҳим аст.

Ад.: Основы лесной биогеоценологии, М., 1964; Макфедьен Э., Экология животных, М., 1965; Дювиньо П., Танг М., Биосфера и место в ней человека М., 1968. *З. Қурбонбеков.*

БИОЦЕНОЛО́ГИЯ (аз *биоценоз* ва *...логия*), яке аз фаслҳои *экология*, ки сохт, такомули инкишоф, алоқамандӣ бо омилҳои муҳити беруна, вобастагии намуд ва пайдоиши биоценозро меомӯзад. Б. бо биогеоценология (ниг. *Биогеоценоз*) алоқаи зич дорад. Дар РСС Тоҷ. дар асоси Б. биоценозҳои табиӣ ва агробиоценозҳо, ташкили муҳофизати олами ҳайвонот ва наботот, муборизаи интеграционӣ бар зидди ҳашароти зараррасони пахта ва диг. зироатҳо омӯхта мешаванд. Дар ботаника калимаи фитоценологияро кор мефармоянд. Фитоценозҳоро танҳо бо омӯзиши ҳамзистии ҳайвонот ва микроорганизмҳо омӯхтан мумкин аст. Олими советӣ Е. Н. *Павловский* дар Тоҷикистон тадқиқоти васеи зоологӣ ва паразитологӣ гузаронида, таълимотро дар бораи паразитоценозҳо кор карда баромадааст.

БИОЭНЕРГЕ́ТИКА (аз *био...* ва *энергетика*), энергетикаи биологӣ, илме, ки механизми табаддулоти энергияро дар организми зинда меомӯзад. Ба маънои диг. ҳодисаҳои ҷараёни ҳаётро аз нуқтаи назари энергетика дида мебарояд. Б. як қисми *биологияи молекулавӣ, биофизика* ва *биохимия* мебошад. Гарчанде асосҳои термодинамикӣ дар омӯзиши табаддулоти энергия дар организм истифода шаванд ҳам, дар байни Б. ва энергетикаи олами ғайриорганикӣ фарқиятҳои амиқ мавҷуданд. Якум, ин ки организмҳо танҳо дар шароити мубодилаи доимии моддаю энергия бо муҳити атроф вуҷуд дошта метавонанд. Дуюм, ба процессҳои ҳуҷайравӣ тағйирёбии ҳарорат, фишор ва ҳаҷм хос нест, аз ин рӯ дар организм ба кор мубаддалшавии гармӣ имконнопазир аст. Дар натиҷаи эволюция дар организмҳо як қатор механизмҳое, ки як шакли энергияи озодро ба гармӣ табдил надода ба диг. шакл мегузаронанд, инкишоф ёфтанд. Миқдори ками энергия дар организм ба гармӣ табдил меёбад. Қисми зиёдаш бошад, дар пайвастҳои махсус шакли энергияи озоди химиявиро мегирад ва барои коре сарф шуда метавонад. Пайвастҳои макроэргии гурӯҳҳои фосфордошта аз ҷумлаи чунин пайвастҳои махсусанд. Ҳангоми аз онҳо ҷудошавии гурӯҳҳои фосфат энергия озод шуда, барои синтези моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ муҳим (пайвастҳои макроэргӣ) ва дар процессҳои фаъолияти ҳаётии организм сарф мешавад. Яке аз пайвастҳои макроэргии муҳим, ки роли трансформатор ва таҳвилкунандаи энергияро мебозад, кислотаи аденозинтрифосфат — АТФ (ниг. *Кислотаҳои аденозинфосфат*) мебошад.

Манбаи асосии энергия дар Замин энергияи шуои Офтоб аст. Як қисми ин энергияро пигментҳои растаниҳо ва баъзе бактерияҳо аз худ мекунанд ва дар процесси *фотосинтез* организмҳои автотроф онро дар шакли энергияи химиявӣ (чун АТФ ё диг. пайвастҳои макроэргӣ) захира мекунанд. Процесси синтези карбогидридҳо, липидҳо, сафедаҳо ва диг. қисмҳои таркибии ҳуҷайраҳо аз ҳисоби ҳамин энергия мегузарад. Организмҳои гетротрофӣ АТФ-ро дар процесси нафаскашӣ, ҳангоми то CO_2 ва об туршшавии моддаҳои ғизоӣ ҳосил мекунанд. *М. Н. Нарзиқулов.*

БИ́РЖА (лот. birsa — ҳамьён), бозорест дар мамлакатҳои капиталистӣ, ки дар он дар бораи харидуфурӯши мол, қувваи коргарӣ ва коғазҳои қиматнок созиш баста мешавад. Аввалин Б.-ҳо а-ҳои 15—16 дар Италия (Венеция, Генуя ва Флоренция) пайдо шудаанд. Се навъи Б. мавҷуд аст: Б.-и фондӣ, Б.-и молӣ, Б.-и меҳнат. 1) Б.-и фондӣ, бозори коғазҳои қиматнок, яъне акцияҳо ва облигацияҳо мебошад, ки аз рӯи нархҳои дар Б.-и фондӣ қайдшуда харидуфурӯш мешаванд. Дар Б.-и фондӣ ду навъи асосии коғазҳои қиматнок дар муомилаанд: акцияҳои ширкатҳои хусусӣ ва облигацияҳое, ки ҳукумат ва ширкатҳои хусусӣ мебароранд. Қурби коғазҳои қиматнок дар зери таъсири талабу таклиф аз рӯи тағйирёбии андозаи дивиденд ва нормаи фоидае ҳамеша каму зиёд мешавад. Дар давраи болоравии истеҳсолоти саноатӣ қурби акцияҳо зиёд шуда, дар давраи бӯҳронҳои иқтисодӣ баръакс кам мешавад, ки ин зиддиятҳои ҷамъияти капиталистиро боз ҳам тезу тунд менамояд. 2) Б.-и молӣ бозорест, ки дар он молҳо аз рӯи намунаю стандартҳои муайян яклухт савдо карда мешаванд. Дар ин Б.-ҳо танҳо молҳои якхела (ғалла, пахта, қанд, каучук, пашм, металл ва ғ.), ки онҳоро мувофиқи намунаю стандартҳо ба навъҳои муайяни баробарқимат ҷудо кардан мумкин аст, яклухт бе пули нақд харидуфурӯш карда мешаванд. Дар давраи империализм роли Б.-и молӣ торафт маҳдуд шуда, баъзе аз онҳо тамоман барҳам мехӯрад. Б.-и молии мавҷуда дар зери назорати монополияҳо мебошанд. 3) Б.-и меҳнат муассисаест, ки он дар байни коргарон ва соҳибони корхона дар харидуфурӯши қувваи корӣ миёнаравӣ мекунад.

Дар Иттифоқи Советӣ Б.-и меҳнат фақат дар солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ вуҷуд дошт. Ғалабаи социализм дар СССР бекориро дар мамлакат тамоман барҳам дод ва Б.-и меҳнат худ аз худ аз байн рафт.

БИРИ́НҶ, гурунҷ, маҳсулоти хӯрокворӣ, дони *шолӣ*. Б.-ҳои девзира, оқпар, ҷойдорӣ, миёнколӣ, кенҷа, сурх, «карис», оббардор ва ғ. маълум аст. Б. ба ҳисоби миёна 14% об, 75,2% ангиштоб (асосан оҳар), 7,7% сафеда, 0,4% равған, 2,2% клетчатка ва 0,5% хокистар дорад. Аз Б. палав, ширбиринҷ, шавла, мостоба, мошубиринҷ, кичирӣ барин бештар аз 25—30 навъи таом мепазанд. Б.-ро барои истеҳсоли орд, оҳар, спирт ва пиво низ истифода мебаранд.

БИРИНҶО́САН (Artemisia vulgaris), гиёҳи бисьёрсола, мансуби *мураккабгулҳо*. Баландиаш аз 30 то 210 см. Пояи росту шохрондаи сурхи бунафштоб, барги рӯяш паршакли паррадор ё яклухти сабзу пушташ мӯякноки хокистарранг, гули майдаи найчашакли бӯртоб, баъзан заъфарони дар сабадаки эллипсӣ ё байзашакл нумӯёбанда дорад. Нимаи 2-юми тобистон ва тирамоҳ шукуфта, тухм мебандад. Дар Европа, Мӯғулистон, Хитойи Шимолӣ ва Ғарбӣ, Америкаи Шимолӣ, Африкаи Шимолӣ ва СССР (Сибирь, Осиёи Миёна) паҳн шудааст. Дар Европаи Ғарбӣ, Ҳиндустон, Япония, Бразилия ва ғ. мекоранд. Дар РСС Тоҷ. дар боғ, канори ҷӯй, баъзан дар киштзор вомехӯрад. Ибни Сино Б.-ро дар табобати назла, ҷароҳат, дарди сар ва ғ. истифода кардааст. Дар тибби халқӣ ҷӯшоби Б. чун омили оромию қувватбахш, табшикан ва ғ. истифода мешавад. Б.-ро чун гиёҳи хушбӯй ба таом меандозанд. Алафи Б. равғани эфир (цинеол, α-туйон, борнеол), витаминҳои С, B_1, моддаҳои даббоғӣ, флавоноидӣ, кумарин, ва ғ. дорад.

Ад.: Ибн Сина, Канон врачебной науки, кн. 2, Ташкент, 1956; Чиков П. С., Лаптев Ю. П., Витаминные и лекарственные растения, М., 1976. *М. Ҳоҷиматов.*

БИРИНҶӢ, хӯлаи мис ва элементҳои гуногуни химияви: қалъагӣ, алюминий, бериллий, сурб, кадмий, хром ва ғ. Вобаста ба ин биринҷии қалъагӣ, бериллий, алюминӣ ва ғ. мавҷуд аст. Б.-и қалъагӣ қадимтарин хӯлаест, ки инсон истеҳсол кардааст.

Аз қадим Б. барои сохтани олоти меҳнат, *аслиҳа* (сарнайза, ханҷар, табар), ашьёи зинат, танга ва оина хидмат мекунад. Дар асрҳои миёна аз Б. зангӯла ва *тӯп* мерехтанд. Ба туфайли хосиятҳои антифрикционии худ Б. аз а. 19 дар мошинсозӣ бисьёр истифода мешавад. Дар а. 20 Б.-и қалъагиро асосан Б.-и алюминӣ иваз кард, ки 5—12% алюминий дошт ва бисьёр хосиятҳои он назар ба Б.-и қалъагӣ беҳтар буд. Ниг. *Хӯлаҳо*.

БИРЛИК, деха дар С. қ. Заргар, р-ни Қӯрғонтеппаи вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи Горький. Аз деха то маркази С. қ. ва район 12 км. Нақлиёташ автомобилӣ. Аҳол. 487 наф. (1976), асосан точикон. Б. магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

БИРМА, Республикаи Социалистии Иттифоқи Бирма, давлат дар Осиёи Ҷ. Ш. Аз Ғ. бо Ҳиндустону Бангладеш, аз Шим. Ш. бо Хитой, аз Ш. бо Лаос, аз Ҷ. Ш. бо Таиланд ҳамсарҳад аст. Дар Ҷ. ва Ҷ. Ғ. он баҳри Андаман ва хал. Бангола воқеанд. Масоҳ. 678 ҳаз. км². Аҳол. 31,5 млн наф. (1977). Дини ҳукмрон — буддоӣ; мусулмонон ва насроніён низ ҳастанд. Забони давлатӣ—бирматӣ. Пойтахташ Рангун.

Сохти давлати. Мувофиқи конституцияи с. 1974 Бирма Республикаи Социалистии Иттифоқи Бирма ном гирифт. РСИБ давлати федеративиест, ки Бирма (иборат аз 7 округи маъмурӣ) ва 7 давлати миллии дорои мухторияти маҳдуд (Качин, Кая, Карен, Шан, Чин, Аракан ва Мон)-ро муттаҳид кардааст. Органи олии қонунбарор — Маҷлиси халқии якпалатагӣ. Дар давраи байни сессияҳо вазифаи қонунбарориро Совети Давлати, ки раиси дар айни замон президенти республика аст, ба ҷо меорад. Президент ҳуқуқҳои зиёд дорад. Органи олии иҷроия — Совети Вазирон бо сардории сарвазир аст. Дар маҳалҳо ҳокимиятро советҳои халқӣ идора мекунанд.

Органи олии судӣ Комитети интихобии судҳои халқии назди Маҷлиси халқист, ки дар айни замон инстанцияи олии апелляционӣ низ ба ҳисоб меравад. Инстанцияи поёнии судӣ судҳои халқии маҳаллианд. Трибуналҳои ҳарбӣ ва судҳои махсус низ мавҷуданд.

Табиат. Б. асосан мамлакати кӯҳӣ ва ландшафташ субтропикию тропикист. Дар Ғ. кӯҳҳои Аракан ва қ-кӯҳи Паткай (баландиаш то 5881 м), дар Ш. кӯҳсори Шан, дар байни кӯҳҳо ҳамвории пасти Иравади воқеанд. Сарватҳои зеризаминӣ: қалъагӣ, вольфрам, нуқра, маъдани сурбу рӯҳ ва кобальту оҳан, сангҳои қиматбаҳо, нефть, газҳои сӯзанда.

Иклими Б. тропикии муссонӣ буда, дар Шим. ба субтропикӣ бадал мешавад. Ҳарор. миёнаи моҳҳои гарм апр. 30°—32° С, ҳарор миёнаи яни. дар Шим. 13°—15° С, дар Ҷ. 20°—25° С. Боришоти солона дар кӯҳсор то 6000—6500 мм, дар ҳамвории Иравади қариб 500 мм. Борон асосан тобистон меборад. Д-ҳои калон: Иравади (киштигард) бо шохобҳояш Чиндуин, Салуин, Ситаун. Ҳар сол обхез мешаванд. Кӯлҳо каманд. Калонтарин кӯли Б. Инле. Қариб 60% хоки Б. ҷангалзор аст. Дар ноҳияҳои соҳили баҳр ва доманаи кӯҳҳо бешаҳои сернами ҳамешасабзи тропикӣ паҳн гаштаанд, ки дар онҳо дарахтони пахл, тут, анҷир, панданус бисьёранд. Дар ноҳияҳои марказӣ бешаи дарахтони хазонрез, саванноҳо мавҷуданд. Олами ҳайвоноти Б. гуногун аст: дар ҷангал тупай, санҷоби паррон, лорӣ, савсор, юз, ҷайра ва ғ., дар ҷойҳои кушод каркадан, паланг, бабр ва фил вомехӯранд. Паррандаю хазандагон хеле бисьёранд.

Аҳолӣ. Дар Б. қариб 70 халқ ва қабила зиндагӣ мекунанд. Тақрибан 73% аҳолӣ бирмагиҳоанд; боқимонда каренҳо, шанҳо, чинҳо, качинҳо, монҳо, каяҳо ва ғ. мебошанд. Ғайр аз ин дар Б. хитоиён, ҳиндуён, покистониён низ зиндагӣ мекунанд. Ш-ҳои калон Рангун (аҳол. 2,1 млн наф. 1975), Мандалай, Моуламейн, Бассейн

Очерки таърихӣ. Қадимтарин ёдгориҳои археологии Б. ба давраи палеолити поён (маданияти аньят) таалуқ доранд. Дар ибтидои м. дар Б. аввалин шаҳру давлатҳои Мон пайдо шуданд, ки ба онҳо муносибатҳои синфи ва дараҷаи баланди тараққиёти ғуломдорӣ хос буд (а. 1 м. дар Аракан, а. 4 дар давлати пью Шрикшетра). Мувофиқи ривоятҳо пойтахти бузургтарин давлати Осиёи Ҷ. Ш. ш. Паган с. 849 ба вуҷуд омадааст. Вай давлати феодалӣ буда, маданияти тараққикарда дошт. Дар а. 13 давлати Паган дар натиҷаи истилои муғулҳо таназзул ёфт ва дар Б. парокандагии феодалӣ сар шуд. А. 16 дар Б. тоҷирони европоию авантюристони португалӣ, баъд голландиҳою англисҳо пайдо шуданд. Бирмагиҳо дар а. 18 аз нав ба давлати феодалии Конбаунҳо муттаҳид гаштанд, ки он дар нимҷаз. Ҳиндухитой ба давлати пуриқтидор табдил ёфт. Дар а. 19 мустамликахоҳони англис ба забти Б. шурӯъ карданд. С. 1886 баъди се ҷанги мустамликавӣ Б. ба ҳайати мустамликаи Англия — Ҳиндустон ҳамчун яке аз музофотҳои он дохил шуд. Мустамликадорон мамлакатро ба манбаи ашьёи хому бозори фурӯши молҳои Англия табдил доданд, ки он ба тараққиёти саноати миллӣ монеъ шуд. Дар охири а. 19 ва ибтидои а. 20 ҳаракати миллии зидди мустамликадорон авҷ гирифта, аввалин ташкилотҳои миллию ватандӯстӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар зери байрақи буддоӣ амал мекарданд. Ҷанги якуми ҷаҳонии 1914—18 ва Рев. Каб. Соц. Октябрь ҳаракати озодихоҳонаро вусъат дод. Корпартоии коргарон ва ошӯбҳои деҳқонон ба шӯриши калони зиддимустамликавии деҳқонон (1930—32) мубаддал гашт. Фаъолияти ташкилоти ватандӯсту революционӣ-демократии «Добама асиайон» ривоҷ гирифт. С. 1939 Партияи Коммунистии Б. таъсис ёфт. Империалистони Англия зери фишори оммаи халқ ба баъзе гузаштҳо маҷбур шуданд. С. 1935 Б. соҳиби конституция шуд, ки мувофиқи он парламенти мустамликавӣ ташкил гардид (с-ҳои 1937—41 амал кард). С. 1937 Б. аз Ҳиндустон ҷудо шуд. Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонии 1939—45 Б. ҳамчун мустамликаи Англия ба ҷанг ҷалб карда шуд. С. 1941 қӯшунҳои Япония ба Б. зада даромаданд, режими ҳарбии мустамликавии типи фашистӣ ҷорӣ гардид. Ҳамаи гурӯҳҳои ватандӯст ва революционӣ, аз ҷумла коммунистон, ба Лигаи зиддифашистии озодии халқ — ЛЗОХ (таъсисаш 1944) муттаҳид шуданд, ки ба он қаҳрамони миллии Бирма Аун Сан сардорӣ мекард. ЛЗОХ қувваи асосии ҷангии шӯриши умумимиллии 27 марти 1945 гардид, ки дар торумор намудани истилогарони Япония роли калон бозид. Баъди аз истилогарони япон озод шудани Б. мамлакатро му-

боризаи зидди империалистони англис фаро гирифт. Ба ин мубориза ЛЗОХ роҳбарӣ кард. Ҳукумати Англия фаҳмид, ки дигар тартиботи мустамликадориро барқарор кардан мумкин нест, бинобар он янв. 1947 ҳуқуқи истиқлолияти Б.-ро эътироф намуда, ба гузаронидани интихоботи Маҷлиси муассисон розӣ шуд. Депутатҳои ЛЗОХ бештар овоз гирифтанд. Намояндагони халқҳои гуногуни мамлакат дар конференцияи Панлонг 12 февр. 1947 доир ба муҳофизати давлати ояндаи соҳибихтиёри Б.—Иттифоқи Б. ба як қарор омаданд (аз ҳамон вақт 12 февр. дар Б. ҳамчун Рӯзи Иттифоқ қайд карда мешавад). Ҳамон сол Маҷлиси муассисон конституцияи Иттифоқи Б.-ро қабул кард. Истиқлолияти давлатии Иттифоқи Б. 4 янв. 1948 расман эълон шуд. Б.-и соҳибихтиёр фаъолияти худро дар зери бори гарони гузаштаи мустамликавӣ—иқтисодиёти суст таракқикарда, тобеият ба капитали хориҷӣ, боқимондаҳои феодализм, пизои миллӣ, норасоии кадрҳои миллӣ ва ғ. сар кард. Нифоқи қувваҳои миллии озодихоҳӣ, аз роҳи тараққии демократию прогрессивии мамлакат дуршавии роҳбарияти буржуазии ЛЗОХ (баъди марги Аун Сан) с. 1948 ба задухӯрди яроқноки дохилӣ оварда расонд. Партияи Коммунистӣ ба пинҳонкорӣ гузашт. Аз с. 1952 дар Б. ба ном «программаи Пьидот» («мамлакати эҳсонкор») программаи 8-солаи барқароркунӣ ва тараққиёт ба амал ҷорӣ шудан гирифт. Аммо бо вуҷуди нисбатан устувор гардидани иқтисодиёту сиёсати мамлакат, вазифаҳои асосии «программаи Пьидот» иҷро нашуданд: ислоҳоти аграрӣ қисман амалӣ гардид, задухӯрдҳои яроқноки дохилӣ, аз ҷумла ихтилофҳои миллӣ, давом карданд. С. 1958 дар ЛЗОХ ҷудой рӯй дод, давлат ба бӯҳрони дуру дарозаи сиёсӣ гирифтор шуд.

С. 1962 дар Б. Совети революционӣ ба сари ҳокимият омад, ки онро қаноти ватандӯст ва революционию демократии армияи миллӣ бо сардории генерал Не Вин барпо карда буд. Ҳукумати нав роҳи тараққиёти социалистиро пеш гирифта, дигаргуниҳои муҳимме ба амал баровард, ки характери зиддиимпериалистӣ, зиддифеодалӣ ва зиддикапиталистӣ дошт. Тадбирҳои андешидаи Совети революционӣ капитали монополистии Ғарбро аз Б. танг карда баровард, мавқеи буржуазияи Ҳиндустону Хитойро суст ва буржуазияи миллиро маҳдуд гардонд. Съезди 2-уми Партияи программаи социалистии Б., ки с. 1973 баргузор шуд, директиваҳои плани тараққиёти иқтисодиро қабул ва лоиҳаи нави конституцияро тасдиқ кард. Дар баробари ин бисьёр масъалаҳои муҳимми сиёсати дохилӣ ҳал нашуданд, аз ҷумла мубориза яроқноки дохилӣ қатъ нагардид. Ҳукумати Б. дар сиёсати беруниӣ роҳи сулҳ ва бетарафиро пеш гирифта, барои барқарор кардани муносибатҳои дӯстона бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон кӯшиш менамояд. Муносибатҳои Б. бо Иттифоқи Советӣ (муносибатҳои дипломатӣ аз с. 1948) ва дигар мамлакатҳои социалистӣ бомуваффақият инкишоф меёбанд. Б. аз с. 1948 аъзои ТДМ аст.

Партияҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Партияи программаи социалистии Бирма (ППСБ), партияи ҳукмрон ва ягона партияи легалии мамлакат аст. С. 1962 ҳамчун партияи революционӣ-демократӣ ташкил ёфт.

Партияи Коммунистии Бирма (ПКБ) с. 1939 таъсис ёфта, аз с. 1948 дар пинҳонкорист, дар зери таъсири маочиён буда, бо ҳукумат мубориза яроқнок мебарад.

Фронти муттаҳидаи миллии демократӣ (ФММД), блоки партияҳои фавқулчап ва миллатчиёну ташкилотҳои пинҳонкор аст, ки бо ҳукумат мубориза яроқнок мебарад. С. 1949 ташкил шудааст.

Фронти муттаҳидаи миллии озодихоҳӣ (ФММО), блоки партияҳои буржуазӣ ва миллатчиёни рост аст, ки бо ҳукумат мубориза яроқнок мебарад. С. 1970 дар Таиланд аз тарафи гурӯҳи муҳоҷирони сиёсии бирмагӣ ташкил ёфта, Партияи демократияи парламентӣ, Партияи Муттаҳидаи миллии Карен, Партияи давлатии нави Монро муттаҳид мекунад.

Хоҷагӣ. Б. мамлакати аграрист. Баъди с. 1962 ба роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ даромад. Сектори давлатӣ дар натиҷаи милликунонии

1. Рангун. Майдони маркази шаҳр. Дар пеш — муҷассамаи Истиқлолият. 2. Кӯчаи марказии ш. Туанҷи. 3. Намуди умумии ш. Мандалай. 4. Шаҳри Мингун дар соҳили д. Иравади.





1. Маъбади Ананда дар Паган. 1091. 2. Ступаи Мингалазеди дар Паган. 1284. 3. Сахпа аз ривонтҳои буддой. Рельефи маъбади Ананда дар Паган. 4. «Тавлиди Буддо». Нақшу нигори девори маъбади Нандаманья дар Паган. Темпера. А. 13. 5. Дайри Салин дар Мандалай. Нимаи 2-юми а. 19.

молу мулки хусусии ширкатҳои хорича (1963—65) ва сохтани корхонаҳои нави давлатӣ дар иқтисодиёти мамлакат мавқеи асосиро ишгол кард. Тамоми корхонаҳои калони саноати, станцияҳои электрикӣ, нақлиёти р. о. ва обию ҳавой, тамоми банкҳо, сектори калони савдои дохили дар дасти давлатанд. Давлат ба савдои беруни ва системаи кредиту молия назорат мекунад. Асоси иқтисодиет х. қ. буда, дар он 75% аҳолӣ кор мекунад. Замини корам қариб ¼ хоки Б.-ро ташкил дода, аз он 0,8 млн га обьёрӣ мешавад. Аз баъзе заминҳо соле 2 бор ҳосил мегиранд. Шоли зироати асосии хўрокӣ ва экспорт (75% экспорти Б.) буда, 60% тамоми киштзорро ташкил медиҳад. Гандум, чуворимакка, арзан, пахта, финдуки замини, кунчит, найшакар мекоранд, чой, қаҳва ва г. парвариш мекунанд. Б. дорои 8,5 млн сар чорвои калони шохдор, аз чумла 1,5 млн сар говмеш аст. Ба тараққиёти шаклҳои гуногуни кооперация диққати калон дода мешавад.

Саноат суст тараққи карда, асосан ба коркарди ашёи хоми х. қ., истеҳсоли сарватҳои зеризамини ва истифодаи маҳсулоти беша машгул аст. Нефть, ангишт, маъдани оҳан, полиметаллҳо, қалъаги ва вольфрам, мис, никель, нукра истихроҷ мешавад. Сангҳои қиматбаҳо, махсусан лаъл ва ёқути кабуд машҳуранд. Комбинати сурбу рух, з-дҳои софкории нефть, чўбу тахта, корхонаҳои шолиқўбӣ, равган, қанд, чойқадоққунӣ, тамоку ва г. мавҷуданд. Матоъҳои абрешимӣ, пахтагӣ ва маснуоти ҷут (марказаш Рангун) истеҳсол мешавад. Косибӣ хеле ривоҷ ёфтааст. Тўли р. о. 4,45 ҳаз. км, роҳи автомобильгард 15,5 ҳаз. км. Нақлиёти дарьёӣ ва баҳрӣ мавҷуд аст. Бандари асосӣ — Рангун. Б. ба хорича чўби қиматбаҳо, металлҳои ранга, каучук ва пахта бароварда, маҳсулоти саноатӣ ва таҷҳизот мехарад. Асосан бо Япония, РФГ, Британияи Кабир алоқаи тиҷоратию иқтисодӣ дорад. Бо СССР ва баъзе мамлакатҳои дигари социалистӣ ҳамкории иқтисодӣ мекунад. Воҳиди пул — ҷа, ё кьят (100 кьят = 10 сўму 59 тин; февр. 1978).

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1972 дар Б. ба 1000 наф. 40 таваллуд, 17 наф. фавти умумӣ рост омад. С. 1971 дар мамлакат 385 беморхонаи дорои 23 678 кат мавҷуд буд. 3083 духтур, 6450 коркуни миёнаи тиб кор мекард. С. 1972 41 поликлиника ва 1267 маркази нигаҳдории тандурустии деҳот ба аҳолӣ ёрии амбулаторӣ расонд. Барои нигаҳдории тандурустӣ қариб 4% бюҷети давлатӣ ҷудо карда мешавад.

Маориф. Маорифи халқ марказонида, мактабҳои хусусӣ миллӣ кунонида шудаанд. Таълим то мактаби миёна бепул аст. Дар мактабҳои назди дайрҳо таълим аз рўи программаи давлатӣ мегузарад. Ба мактабҳои 4-солаи ибтидоӣ бачагон аз 6-солагӣ дохил мешаванд. Баъд таълим дар мактаби 3-солаи мобайнӣ давом мекунад, ки он талабагонро барои ба мактаби миёнаи 3-сола дохил шудан ва ба кори амалӣ тайёр менамояд. Таълим ба забони бирмагӣ буда, дарс дар мактабҳои ибтидоии гўшаҳои дурдасти миллӣ ба забонҳои маҳаллӣ мегузарад. Соли таҳсили 1968/69 дар мактаби ибтидоӣ зиёда аз 3 млн, дар мактаби мобайнӣ бештар аз 537 ҳаз., дар мактаби миёна зиёда аз 107 ҳаз. талаба таҳсил кард. Ҷавонон дар мактаби 2—3-солаи касбию техникӣ маълумоти миёнаи махсус мегиранд. 2 ун-т, ин-тҳои тиббӣ, технологӣ, иқтисодиёт ва х. қ. мавҷуданд. Дар мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ зиёда аз 100 ҳаз. студент мехонад. Ун-тҳои Рангун ва Мандалай китобхонаҳои калон доранд. Солҳои охир дар мамлакат маъракаи маҳви бесаводӣ сар шудааст.

Матбуот ва радио. Дар Б. 7 газетаи ҳаррўзаи давлатӣ ба забонҳои бирмагию англисӣ чоп мешаванд: «Лоута Пиду нейзин» (нашри анг.— «Уоркинг пиплс дейли» — «Working Peoples Daily»), 1962 таъсис ёфтааст. «Гардиан» («Guardian», ба забони англисӣ), «Ботатаун» — «Вангард» («Vanguard», ба забони бирмагӣ), «Чемоун»—«Миррор» («Mirror», ба забони бирмагӣ), «Ҳантавади» («Hanhtawaddy», ба забони бирмагӣ), «Мьянма алин»—«Нью лайт оф Бёрма» («New Light of Burma», ба забони бирмагӣ). Журналҳои Департаменти ахбор: «Шеду» (ба забони бирмагӣ, «Форуорд» («Forward», ба забони англисӣ); журналҳои Партияи программаи социалистии Б.: «Пати ея», «Найнгандага ея», «Ланзин», «Тадинзин». Маркази радиошунавонии давлатии Б. дар Рангун аст.

Адабиёт. Адабиёти Б. дар а-ҳои 9—13 пайдо шуд. Дар а. 11 пали забони дину адабиёт гардид. Назми классикӣ дар а-ҳои 14—16 хеле тараққӣ кард (Шин Маҳатилавунти ва диг.). А-ҳои 16—17 шаклҳои пазм (яду, могун, пьоу, эчҳин ва г.) такмил ёфтанд. Нависандагони а-ҳои 18—19 анъанаҳои назми классикиро давом дода, асарҳои дуньявӣ офариданд. Аз охири а. 18 драмаи миллӣ шўҳрат пайдо кард. Охири а. 19-ибтидои а. 20 тарҷумаи асарҳои муаллифони хоричӣ огоз гардида, жанри нави роман инкишоф ёфт (Ҷеймс Хла Ҷо, У Ҷи ва диг.). Дар романҳои Маҳ Схвей («Модари мо») масъалаҳои иҷтимоӣ бештар акс ёфтааст. Адабиёти нимаи якуми а. 20 кушиши озодихоҳии халқи Б.-ро инъикос мекард, равия ва ташкилотҳои гуногуни адабӣ пайдо шуданд (кҳисанг, нага ни ва г.). Яке аз ташаббускорони ҳаракати ватандўстӣ нависандаи намоён Такин Кодо Хмайн буд. Дар ҳаёти адабии Б. муборизаи идеологӣ давом дорад, ки он душворихои вазъияти дохилии мамлакатро инъикос мекунад.

Санъати тасвирӣ ва меъморӣ. Дар ҳудуди Б. расмҳои дохили ғорҳои даврои неолит, вайронаи маъбадҳои буддоӣ ва иншоотҳои ёдгорӣ («зеди»), муҷассамаҳои сангин, нуқраги ва тиллоии Буддо (ҳазорсолаи 1 м.) боқӣ мондаанд. Дар а-ҳои 11—13 дар Паган маъбаду ёдгориҳои гунбазшакли кандакорию ҳаккокишуда буньёд ва ҳайкалҳои калони Буддо (то 20 м.), рельефҳои сангин ва сафолин офарида шуданд. Дар а-ҳои 18—19 қасрҳои боҳашамати чӯбин, дайрҳои кандакорӣ, ҳаккокӣ ва тиллокорӣ буньёд гардиданд. Санъати рехтагарии биринҷӣ, ҳаккокӣ, кандакории устухони фил ва садаф, гулпартоии маснуоти локзада ва г. хеле тараққӣ кардааст. Аз охири а. 19 рассомӣ ривоҷ ёфта, биноҳои истиқоматӣ, ҷамъиятию истеҳсолии ҳозиразамон сохта мешаванд. Санъати реалистии Б. ҳаёти ҳозираи меҳнаткашонро тасвир менамояд.

Ад.: Васильев В. Ф., Очерки истории Бирмы 1885—1947, М., 1962; Кураковa Л. И., Бирма. Природные районы и ландшафты, М., 1967; Гаврилов В. Н., Борьба за независимость и прогрессивные преобразования в Бирме, М., 1970; Ожегов С. С., Архитектура Бирмы, 1970; Можейко И. В., Узянов А. Н., История Бирмы, М., 1973; Кауфман А. С., Бирма: идеология и политика, М., 1973.

БИРМАГИҲО́ (худ мям, мянгӯянд), миллат, аҳолии асосии Бирма. Шумораашон тақр. 23 млн наф. (1977). Ба забони бирмагӣ гап мезананд. Ба якчанд гурӯҳи этнографӣ тақсим мешаванд: араканҳо—сокинони соҳили шим. ғарбӣ, туангу — дар Бирмаи Марказӣ ва гурӯҳи инта, ки дар қасабаҳои рӯиобии к. Инле зиндагӣ мекунанд. Аксари диндорон пайрави дини буддоӣ, як қисми араканҳо—мусулмон, баъзеашон—насронӣ. Аҷдоди Б. аслан аз вил. ҷан. шарқии қ-кӯҳи Тибет буда, ба сарзамини ҳозираи Бирма а. 8 — нимаи а. 9 кӯчида омадаанд. Дар Бирма ба аҳолии муқимии мамлакат — монҳо (талаин) дучор омада, дар тӯли асрҳо барои ҳокимияти мутлақ мубориза бурданд. Дар натиҷа аксарияти монҳо қир ва ё бо Б. омехта шуданд. Машғулияти асосиашон шоликорӣ, обчакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва моҳигирӣ. Инчунин ҳунармандӣ: ресандагӣ, бофандагӣ, ҳаккокӣ, кандакории чӯб, устухон, фулузот инкишоф ёфтааст. Қисми зиёди Б. дар саноат кор мекунанд.

БИРМИНГЕМ (Birmingham), шаҳр дар Британияи Кабир, дар мулки графии Уорикшир. Аҳол. 1,1 млн наф. (бо атрофаш 2,4 млн наф, 1970). Шаҳри саноатӣ, маркази муҳими нақлиёт. Зиёда аз 50% аҳолиаш дар саноат кор мекунад. Маркази металлургияи сиёҳ, маснуоти металлӣ. Соҳаҳои асосии саноаташ: мошинсозӣ, аз ҷумла автомобильсозӣ, химия, электротехника («Ҷенерал электрик»), резина ва саноати ҳарбӣ. Корхонаҳои дастгоҳсозӣ, полиграфӣ, металлургияи ранга ва вагонсозӣ низ мавҷуданд. Б. ун-т, коллеҷи техникӣ, нигористонҳои санъати бадеӣ ва нафиса дорад. Дар шаҳр ёдгориҳои таъриҳӣ: калисои Сент-Мартин (а. 13), калисои ҷомеъ (1710—15), ратуша (1832—52) ва г. боқӣ мондаанд.

БИРМИНГЕМ (Birmingham), шаҳр дар шт. Алабамаи ШМА, дар доманакӯҳи Аппалачи. Аҳол. 301 ҳаз. наф. (1970). Бандари д. Уорриор, бо ҳал. Мексика нақлиёти обӣ дорад. Узели р. о. ва шоссе. Маркази муҳими металлургияи сиёҳ дар ҷан. шарқии ШМА. З-дҳои асосии металлургӣ дар атрофи шаҳр (дар маҳалҳои Бессемер, Энсли, Фэрфилд) ҷойтиранд. Саноати коксу химия, коркарди металл, истеҳсоли қубур, мошинсозии вазнин, цемент, саноати ҳарбӣ, инчунин саноати матоъҳои пахтагӣ ва хӯрокворӣ низ тараққӣ кардааст. Ун-т дорад. Б. с. 1871 буньёд ёфтааст.

БИРОБИҶА́Н (аз номи д-ҳои Бира ва Биҷан), шаҳр, маркази вил. автон. Яҳудиёни кишв. Хабарови РСФСР. Дар соҳили д. Бира (шохоби Амур) воқеъ аст. Ст. р. о. Аҳол. 67 ҳаз. наф. (1977). Корхонаҳои саноати сабук (истеҳсоли молҳои трикотажӣ, дӯзандагӣ, пойафзол ва г.), чӯбгарӣ, хӯрокворӣ ва з-дҳои мошинҳои х. қ. «Дальсельмаш» ва трансформатор дорад. Техникумҳои шабонаи механикӣ, механикию технологӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, педагогӣ ва маданӣ-маърифатӣ, музеи кишваршиносӣ, 2 театри халқӣ (яҳудӣ ва русӣ) мавҷуданд. Буньёдаш с. 1928, аз с. 1937 шаҳр.

БИРЮЗО́В Сергей Семёнович (21. 8. 1904, ш. Скопини губ. Рязань — 19. 10. 1964), Маршали Иттифоқи Советӣ (1955), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1958), Қаҳрамони Халқии Югославия (1964). Аъзои КПСС аз с. 1926. Дар Армияи Советӣ аз с. 1922. Мактаби ҳарбии ба номи ВЦИК (1926) ва Академияи ҳарбии ба номи Фрунзе (1937) хатм намуд. Аз с. 1939 то апр. 1942 командири дивизияи тирандозӣ. Аз апр. 1942 сардори штаби армияи гвардиягии 48-ум ва 2-юм дар фронтҳои Брянск, Сталинград ва Ҷанубӣ. Аз апр. 1943 сардори штаби Фронти Ҷанубӣ ва аз окт. Украина. Аз май 1944 сардори штаби Фронти 3-юми Украина, дар кор карда баромадан ва гузаронидани амалиёти Яссы — Кишинёв иштирок кардааст. Аз окт. 1944 фармондеҳи армияи 37-ум, ки он дар озодкунии Югославия иштирок дошт. Баъди ҷанг ҷонишини сарфармондеҳи гурӯҳи қӯшунҳо ва ҷонишини раиси Комиссияи тафтишотии иттифоқӣ дар Булгория. Аз с. 1947 фармондеҳи қӯшунҳои Округи ҳарбии Примория, сарфармондеҳи гурӯҳи қӯшунҳои Марказӣ ва ҷонишини 1-уми сарфармондеҳи Қӯшунҳои мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ (ПВО) — дар ин кишвар. Аз апр. 1955 ҷонишини вазири мудофиа ва сарфармондеҳи Қӯшунҳои мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоии мамлакат, аз апр. 1962 сарфармондеҳи Қӯшунҳои ракетии стратегӣ. Аз апр. 1963 сардори Штаби генералӣ. Муаллифи ёддоштҳо ва яке аз муаллифон ва муҳаррирони асари «Қувваҳои мусаллаҳи советӣ дар мубориза барои озод кардани халқҳои Югославия» (1960). Номзад ба аъзоии КМ КПСС (1956—61) ва аъзои КМ КПСС аз с. 1961. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 2, 4, 6-ум). Бо 5 ордени Ленин, 3 ордени Байраки Сурх, орденҳои Суворов дараҷаи 1-уму 2-юм, Кутузов дараҷаи 1-ум, Богдан Хмельницкий дараҷаи 1-ум, 6 ордени хориҷӣ ва медальҳо мукофотонида шудааст. Дар вақти фалокати ҳавоӣ дар к. Авала (назди Белград, Югославия) ҳалок гардидааст. Дар он ҷой ба хотираи ҳайати вакилони советӣ, ки ҳамроҳи Б. ҳалок гардидаанд, ҳайкали ёдгорӣ гузошта шудааст. Б. дар девори Кремли Майдони Сурхи Москва мадфун аст.

БИРЮСА́, Она, дарьё дар вил. Иркутск ва кишв. Краснояри РСФСР. Баъд аз ҳамроҳ шудани д. Чуна (Уда) номи Тасееваро мегирад. Тӯлаш 1012 км, масоҳ. ҳавзааш 55 800 км². Аз пиёдабаҳои шимолии Саяни Шарқӣ сар шуда, ҷараёни миёна ва поёнаш аз паҳнкӯҳҳои Сибири Миёна мегузарад. Шохобҳои асосиаш: Тагул, Туманшет, Пойма — аз чап; Бирюсаи Хурд, Топорок — аз рост. Манбааш барфу борон. Дар окт. ва нояб. ях баста, апр.—май яхаш об мешавад. Дар соҳили он ш. Бирюсинск воқеъ аст. Ба воситаи Б. чӯб равон мекунанд.

БИСКА́Й, халиҷи Бискай (франс. Golfe de Gascogne, исп. Golfo de Vizcaya), халиҷи уқ. Атлантик дар соҳилҳои ғарбии Европа, байни материк ва нимҷаз. Пиреней. 400 км ба хушкӣ даромадааст. Масоҳ. 194 ҳаз. км². Чуқуриаш ба ҳисоби миёна 1715 м, ҷои чуқуртаринаш 5120 м. Соҳилҳояш аксар баланди шахдор. Зуд-зуд тӯфонҳои сахт рӯй медиҳанд. Ба Б. д-ҳои калони Луара ва Гаронна мерезанд. Аз халиҷ моҳӣ (сардин, камбала) ва харчанг шикор мекунанд. Бандарҳои калонаш: Брест, Сен-Назер, Ла-Рошель, Рошфор (Франция), Сан-Себастьян, Бильбао, Сантандер (Испания).

БИСМАРК (Bismarck) Отто Эдуард Леопольд Фон Шёнҳаузен (1. 4. 1815, Шёнҳаузен — 30. 7. 1898, Фридрихсру), арбоби давлатии Германия. С-ҳои 1847—48 депутати ландтаги муттаҳидаи Пруссия, 1851—59 на-

мояндаи Пруссия дар бундестаги Франкфурти лаби Майн, 1859—62 сафири Пруссия дар Россия, 1862 сафир дар Франция буд. Аз с. 1862 вазир-президент ва вазири корҳои хориҷии Пруссия шуда, бар хилофи конституция ислоҳоти ҳарбӣ гузаронид. С. 1867 баъди ташкили Иттифоқи Германияи Шимолӣ бундесканцлер, 1871—90 рейхканцлери империяи Германия шуд. Кӯшид, ки иттифоқи юнкерҳою буржуазияро мустаҳкам намояд ва ба афзоиши ҳаракати революционии коргарӣ роҳ надиҳад. Ташаббускори *Шартномаи Австрияю Германия* ва *Иттифоқи сегона*, ташаббускори сарнагун кардани *Коммунаи Париж* буд.

БИСМАРК, галаҷазираи Бисмарк, Британияи Нав, як гурӯҳи ҷазҳои уқ. Ором. Қисми терр. таҳти васояти ТДМ будаи Гвинеяи Нав. Аз ду ҷазираи калон, ҷаз-ҳои Адмиралтейство ва якчанд ҷаз-ҳои хурд иборат аст. Масоҳ. қариб 50 ҳаз. км². Аҳолӣ асосан меланезиҳову папуасҳо. Ҷаз-ҳои калонаш кӯҳсор (баландии ҷаз. Британияи Нав то 2300 м); ҷаз-ҳои хурдаш — вулқонӣ ё марҷонӣ. Вулқонҳои амалкунанда мавҷуданд. Бешаҳояш экваториаи намнок. Дарахтони норчил, банан мерӯянд; пайшакар, тамоку ва пахта парвариш карда мешавад. Моҳидорӣ ва ҷамъоварии марворид ривоҷ ёфтааст. Маҳалҳои калонтарини аҳолинишин ва бандарҳояш: Рабаул, Кавиенг, Лоренгау. Галаҷаз. Б.-ро с. 1616 голландиҳо кашф кардаанд. С. 1884 ба шарафи ҳодими давлатии Германия О. Бисмарк ном шудааст.

БИСМИЛ بسمل Муҳаммаданвар (тав. 1887, Кобул), шоири афғон; ба забони дарӣ (форсии кобулӣ) асар менависад. Таълими ибтидоиро дар оила гирифтааст. Дар мансабҳои ҳукуматӣ кор кардааст. Ашъораш аз ғазал, қасида, маснавӣ, қитъа, рубоӣ иборат буда, сабки Бедилро пайравӣ мекунад. Масъалаҳои рӯзмарраи зиндагӣ мундаричаи асарҳои Б.-ро ташкил медиҳанд. Бештари осораш дар журналу газетаҳои Афғонистон ба табъ расидаанд. Маҷмӯаи осори ӯ бо номи «Мунтахаби ашъор» (Кобул, 1967) нашр ёфтааст. *С. Саидов.*

БИСОТИИ ШУШТАРӢ بساطی شوشتری (с. тав. номаълум — ваф. 1539, Бухоро), шоири тоҷик. Дар Шуштар касби камол карда, ба Бухоро омад ва аз аҳли дарбори Абдуллохон гардид. Дар бештари навъҳои шеър (қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ) маҳорат дошта, хусусан ғазалро хуб месурудааст. Мавзӯи асосии ашъори ӯро мадх, васфи табиат, ишқу ошиқӣ, ҳасби ҳол ва ғ. ташкил медиҳад. Ашъори парокандаи ӯ дар баёзу тазкираҳо ҷучор мешаванд. *У. Яҳьёев.*

БИССЕКТРИСАи кунҷ (аз лот. bis—ду карат ва seco—мебурам), хати росте, ки аз қуллаи кунҷ ғузашта, онро ба ду ҳиссаи баробар ҷудо мекунад. Б. меҳвари симметрияи кунҷ аст. Порчаи Б.-и яке аз кунҷҳои секунҷа, ки аз қуллаи кунҷ то нуқтаи буриш бо тарафи муқобил гузаронда шудааст, Б.-и секунҷа номида мешавад. Б. тарафи муқобили секунҷаро ба порчаҳое тақсим мекунад, ки ба тарафҳои паҳлӯӣ мутаносибанд.

БИСТГОНӢ بستگانی, 1) маоше, ки соле чор маротиба ба ҳарбиён медоданд, 2) воҳиди пул, вазнаш бист мисқол, 3) маоше, ки охири ҳар бист рӯз як маротиба ҳарбиён мегирифтанд, 4) дастаи ҳарбиёне, ки вақти маошгирӣ ба гурӯҳҳои бистнафарӣ тақсим мешуданд. Б. дар давраи Салҷуқиён дар Осиёи Миёна ва шим. Эрон (а-ҳои 10—11) вуҷуд дошт. *А. Ягонӣ.*

БИСТУ ШАШ КОМИССАРИ БОКУ, ниг. *Комиссарони Боку.*

БИСТУПАНҶҲАЗОРИЕН, коргарони пешқадами марказҳои калони саноатии СССР, ки дар давраи коллективонии х. қ. бо даъвати Партияи Коммунистӣ аз с. 1930 ихтиёран ба к-зҳо барои ёрӣ расондан рафта буданд. Нояб. 1929 Пленуми КМ ВКП (б) дар бораи ба деҳот фиристодани 25 ҳаз. коргари таҷрибанок қарор қабул кард. Ин қарор дар байни коргарон қаноатмандӣ ба вуҷуд овард ва дар натиҷа ба сафи ихтиёриён 27519 наф. дохил шуданд.

Танҳо ф-каҳои бофандагии шаҳру вил. Москва ба районҳои пахтакори Осиёи Миёна 789 наф. беҳтарин намояндагони худро фиристоданд. Зимистони с. 1929 бо роҳномаи партия 93 наф. коргарони пешқадами ф-каҳои «Трёхгорная мануфактура», «Парижская Коммуна» (ш. Вязники) ва «Красная Роза» (ш. Москва) ба Тоҷикистон омаданд. Баҳори с. 1930 республика боз 100 наф. Б.-ро пешвоз гирифт. Аз онҳо 38 наф. ба корҳои роҳбарии к-зҳо, 28 наф. ба иттиҳодияҳои соҳавии к-зҳо, 21 наф. ба диг. соҳаҳои х. қ. фиристода шуданд. Аз ҷумлаи фиристодагони партия Сергей Косыров дар р-ни Арал (ҳоло Куйбышев), Крупнин дар Конибодом, А. И. Уваров дар Исфара кор карданд. Б. дар ташкили к-зҳои нав ва аз ҷиҳати ташкилию хоҷагӣ мустаҳкам гардондани к-зҳои камқувват фаъолона иштирок ва дар деҳот ячейкаҳои партиявию комсомолӣ ташкил намуда, ба муқобили кулакҳо мубориза ва дар байни деҳқонон корҳои сиёсию тарбиявӣ ва маданию оммавӣ бурданд. Б. ба мустаҳкам намудани интизоми меҳнат, пойдор гардондани иттифоқи коргару деҳқон ёрӣ расондаанд. Ҳукумати республика ба Б. баҳои баланд дод. Л. И. Брежнев дар маҷлиси ботантанаи Алмаато бахшида ба 20-солагии ба кор андохтани заминҳои нав дар бораи азнавсозии социалистии қишлоқ сухан ронда гуфта буд: «Онҳоеро, ки дар ҳалли ин вазифаи азим меҳнат, азму ирода ва ғайрати худро бахшиданд, ёдоварӣ накардан мумкин нест. Бо даъвати партия коргарони Москва, Ленинград, Урал ва Донбасс ба қишлоқ рафта, ба ташкили хоҷагиҳои коллективӣ ёрӣ расонданд. Онҳо дар байни деҳқонон идеяҳои Партияи Коммунистӣ, бовариро ба идеалҳои социализм, таҷрибаи ҷанговаронаи муборизаи синфиро паҳн карданд».

БИСЬЁРКУНҶА (дар ҳамворӣ), хати шикастаи сарбаст. Порчаҳои хати шикастаро тараф, охири ин порчаҳоро қуллаи Б. меноманд. Вобаста ба адади қуллаҳо Б. секунҷа, чоркунҷа ва *n*-кунҷа мешавад. Агар давоми тарафи дилхоҳ Б.-ро набурад, он барҷаста ном дорад. Агар ҳамаи тараф ва кунҷҳои Б.-и барҷаста ба ҳамдигар баробар бошанд, Б.-ро мунтазам меноманд (мас., квадрат, секунҷаи баробартараф ва ғ.). Ҳосили ҷамъи кунҷҳои дарунии Б.-и худдошро набуранда ба 180° ($k-2$) баробар аст (k — адади тарафҳо).



Бисьёркунҷаҳои мунтазами барҷаста ва ғайрибарҷаста (аз секунҷа то ҳафткунҷа).

Муҳаққиқони қадим Б.-и мунтазамро бо паргор ва хаткашак фақат ҳангоми $k = 3 \cdot 2^m$, $4 \cdot 2^m$, $5 \cdot 2^m$, $3 \cdot 5 \cdot 2^m$ будани адади тарафҳо (m — адади бутуни мусбат ё нол) сохта метавонистанд. Математики немис К. Гаусс (1801) исбот кард, ки ҳангоми $k=2^m \cdot P_1 \cdot P_2 \cdot \ldots \cdot P_s$ ($P=2^{2^s}+1$, s — адади бутуни мусбат) будани адади тарафҳо ҳам ба воситаи паргор ва хаткашак бисьёркунҷаҳои мунтазам сохтан мумкин аст. *А. Сангинов.*

БИСЬЁРПОЙҲО (Myriapoda), номи умумии 4 синфи ҳайвонҳои бандпои рӯизаминӣ; *лабпойҳо*, дучуфтпойҳо (Diplopoda), симфилҳо (Symphyla) ва пауроподҳо (Pauropoda). Бадани Б. аз сар ва танаи дарози бандӣ иборат аст. Як чуфт мӯйлаб ва қариб дар ҳамаи бандҳояшон по доранд. Қариб 11 ҳаз. намуди Б. маълум буда, дар СССР қариб 1000 намуди онҳо вомехӯрад. Б. дар хоку зери хазон ва дарахтони пӯсида зиндагӣ мекунанд. Боқимондаи пӯсидаи дарахтон (дучуфтпойҳо, симфилҳо) ва мицелийяи замбӯруғҳоро меҳӯранд (пауроподҳо), баъзеашон дарран-

даанд (лабпойҳо). Аз Б.-и заҳрдор дар районҳои даштии ҷан. СССР, дар Кавказ, Қрим, Осиёи Миёна (Тоҷикистон) ҳазорпои ҳалқа-ҳалқа (Scolopendra cingulata) вомехӯрад (ниг. расм).

БИСЬЁРРӮЯ (дар фазои сечена), фигураи геометрие, ки аз шумораи муайяни бисьёркунҷаҳои



Расми 1. Бисьёрруяҳои мунтазам.

ҳамвор ташкил ёфтааст, ки: 1) ҳар як тарафи бисьёркунҷаи дилхоҳ дар як вақт ба бисьёркунҷаи ҳамсоя низ тараф мебошад; 2) аз ҳар як бисьёркунҷа ба диг. бисьёркунҷаи дилхоҳ гузаштан мумкин аст (аввал ба бисьёркунҷаи ҳамсоя, сипас ба ҳамсояи он ва ғ.). Тараф ва қуллаҳои бисьёркунҷаҳоро мувофиқан теға ва қуллаҳои Б. меноманд. Агар Б. аз ҳамвории рӯяи дилхоҳ дар як тараф воқеъ гардад, Б. барҷаста номида мешавад; дар ин вақт рӯяҳо низ барҷастаанд.

Дар Б.-и барҷаста $e + f - k = 2$ аст (теоремаи Эйлер), ки ин ҷо e — адади қуллаҳо, f — адади рӯяҳо, k — адади теғаҳоанд. Дар Б.-и барҷаста агар рӯяҳо аз бисьёркунҷаҳои якхелаи мунтазам иборат бошанд ва кунҷҳои бисьёррӯяи назди қуллаҳо мунтазам ва ба ҳамдигар баробар бошанд, Б.-ро мунтазам меноманд. 5 навъи Б.-и мунтазам мавҷуд аст (расми 1): тетраэдр (*а*), куб (*б*), октаэдр (*в*), додекаэдр (*г*), икосаэдр



Расми 2. Бисьёрруяҳои ниммунтазам.

(*д*). Агар рӯяҳои Б.-и барҷаста бисьёркунҷаҳои ҳархелаи мунтазам ва кунҷҳои назди қуллаҳо симметрӣ ё конгруэнтӣ бошанд, Б. ниммунтазам номида мешавад. *А. Сангинов.*

БИСЬЁРУЗВА́, полином, ифодаи навъи

$$Ax^k y^l \ldots u^m + Bx^n y^p \ldots u^q + \ldots + Dx^r y^s \ldots u^t,$$

ки дар он $x, y, \ldots, u$ — бузургиҳои тағьирёбанда, A, B, D — коэф. ва $k, l, \ldots, t$ (дараҷаҳо — ададҳои бутуни ғайриманфӣ) — ададҳои доимианд. Агар Б. аз як, ду ва се узв иборат бошад, онро мувофиқан якузва, дуузва (бином) ва сеузва меноманд. Б.-и дараҷаи n-уми якномаълума шакли зайл дорад:

$$a_0x^n + a_1x^{n-1} + \ldots + a_{n-1}x + a_n;$$

ин ҷо $a_0, a_1, \ldots, a_n$ — коэф.-ҳо мебошанд ($a_0 \neq 0$). Ҳосили ҷамъи нишондиҳандаҳои ҳар узв дараҷаи ҳамин узв номида мешавад, калонтарини онро дараҷаи Б. меноманд. Мас., $xyz + x + y + z$ — Б.-и дараҷаи сеюм, $2x + y - z + 1$ — Б.-и дараҷаи якум (хатти) мебошанд. Б.-ҳоро ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим (ҳангоми ба нол баробар набудани тақсимкунанда) кардан мумкин аст. Барои ҷамъ (тарҳ)-и ду Б. коэф.-ҳои тағьирёбандаҳои якхеларо ҷамъ (тарҳ) мекунанд. Б.-ҳои дараҷаи якум, дуюм ва сеюмро мувофиқан Б.-и хатти, квадратӣ ва кубӣ меноманд. Б.-е, ки дараҷаи узвҳояш якхела аст, Б.-и якҷинса номида мешавад.

БИСЬЁРУЗВАҲОИ ОРТОГОНАЛӢ, мафҳумест, ки дар соҳаҳои гуногуни математика (муодилаҳои дифференциалӣ, интерполиронӣ, интегронии тақрибӣ, назарияи эҳтимолият ва ғ.) дучор мешавад. Системаи бисьёрузваҳои $\omega(x)$ дар порчаи $[a, b]$ нисбат ба вазни $\rho(x) \geqslant 0$ дар мавриде ортогональ мешавад, ки ҳангоми $m \neq n$

$$\int_b^a \omega_m(x)\omega_n(x)\rho(x)dx = 0$$

бошад. Мас., бисьёрузваҳои Лежандр

$$\frac{1}{n!2^n} \cdot \frac{d^n}{dx^n}(x^2-1)^n$$ ҳангоми

$a = -1$ ва $b = +1$ будан нисбат ба вазни $\rho(x) = 1$ ортогоналанд. Назарияи пурраи Б. о.-ро математики рус П. Л. *Чебышев* тартиб дод. Ҷудокунии интеграли $\int_a^b \frac{\rho(t)}{x-t}dt$ ба касрҳои бефосила аз рӯи элементҳои $x - a_n$ ва сурати λ_{n-1} дар тадқиқоти Чебышев воситаи асосии омӯзиши Б. о. гардид. Бисьёрузваҳои $\omega_n(x)$, ки махраҷи касрҳои бефосилаи $\frac{\psi_n(x)}{\omega_n(x)}$ мебошанд, дар порчаи $[a, b]$ нисбат ба вазни $\rho(x)$ системаи Б. о.-ро ташкил медиҳанд. Б. о. формулаи рекуррентии

$$\omega_{n+1}(x) = (x - a_{n+1}) \cdot \omega_n(x) - \lambda_n\omega_{n-1}(x)$$ -ро

қонеъ мегардонад. Математикҳои советӣ В. И. Смирнов, М. В. Келдыш ва М. А. Лаврентьев низ Б. о.-ро тадқиқ кардаанд.

Ад.: Сеге Г., Ортогональные многочлены, М., 1962. *О. Шоҳбозов.*

БИСЬЁРУЗВАҲОИ ЧЕБЫШЕВ, системаи бисьёрузваҳои ортогоналӣ, ки асосгузори назарияи *бисьёрузваҳои ортогоналӣ* П. Л. Чебышев тадқиқ кардааст. Б. Ч. бо формулаи

$$T_n(x) = \cos(n \arccos x) \quad (n = 1, 2, \ldots)$$

ё $T_n(x) = 2^{n-1}x^n - \frac{n}{1}2^{n-3}x^{n-2} + \frac{n(n-3)}{2!}2^{n-5}x^{n-4} - \frac{n(n-4)(n-5)}{3!}2^{n-7}x^{n-6} + \ldots$

муайян мешаванд. Б. Ч. дар порчаи $[-1, +1]$ нисбат ба вазни $\frac{1}{\sqrt{1-x^2}}$ ортогоналанд. Б. Ч. формулаҳои рекуррентии

$$T_{n+1}(x) = 2x \cdot T_n(x) - T_{n-1}\text{-ро} \quad (n = 1, 2, 3, \ldots)$$

қонеъ мегардонанд. Б. Ч. барои ба қатор паҳн кардани функцияҳои дар порчаи $[-1, +1]$ бефосила роли муҳим мебозад. Бисьёрузваҳои Чебышев — Лагерр ва Чебышев — Эрмит низ мавҷуданд.

Ад.: Чебышев П. Л., Полное собрание сочинений, тт. 2—3, М.-Л., 1942—48. *О. Шоҳбозов.*

БИСЬЁРҚУТБА́, схемаи электрикие, ки бо диг. схемаҳо фақат дар гиреҳҳо (қутбҳо)-и муайяни ба ин мақсад таъиншуда пайваста мешавад. Ба Б.-ҳо тақсим кардани схемаи электрикии мураккаб бисьёр вақт ҳисобу китобро осон мекунад, зеро дар ин сурат ҷараён ё шиддатро на дар ҳама элементҳои схема, балки шиддатро танҳо дар байни қутбҳо ва ҷараёни қутбҳои Б. чен кардан мебояду халос. Б. агар манбаи мустақили энергия дошта бошад, Б.-и актив ва дар акси ҳол Б.-и пассив номида мешавад. Б.-ҳо хаттӣ ва ғайрихаттӣ мешаванд. Дар Б.-ҳои хаттӣ ҷараён ва шиддат ба ҳамдигар хаттӣ вобастаанд ва барои ҳисобу китоби онҳо принципи суперпозиция татбиқпазир аст. Барои Б.-ҳои ғайрихаттӣ принципи суперпозиция татбиқнопазир аст. Аз рӯи миқдори қутбҳо Б.-ҳо секутба, чорқутба ва ғ. мешаванд.

БИТ (англ. bit, аз binary — дуӣ ва digit — аломат, рақам), воҳиди миқдори информация, ки ҳангоми воқеӣ гардидани яке аз ду ҳодисаи баробарэҳтимол пайдо мешавад; Б. воҳиди дуии информация мебошад. Мас., хабари «танга бо рӯяи гербдораш афтид» як Б. информация дорад.

БИТИҚЧАШМА́, чоҳест дар домапаи ҷан. ғарбии қ-кӯҳи Боботоғ, ки дар наздикии он тасвирҳои рӯи санг ёфт шудаанд. Нақшҳои рӯи оҳаксанг бо рангҳои сиёҳ, зард ва сурх кашида шудаанд. Онҳоро аввал с. 1948 Г. В. Парфёнов, сонӣ с. 1953 А. П. Окладников тадқиқ намуданд. Дар байни суратҳо тасвири ҳайвонот, тиру камон, шамшери каҷ, корд ва ғ. низ ҳаст. Дар ҷанд расм манзараи шикор ва бодиягардӣ акс ёфтааст. Аломатҳо бисьёри гуногунро ҳастанд, ки ба ақидаи Г. В. Парфёнов рамзи офтобу моҳанд. Дар атрофи чоҳ порчаҳои чақмоқсанг, белчаҳо, нуклеусҳо дучор мешаванд, ки тақрибан ба давраи мезолит тааллуқ доранд. *В. А. Ранов.*

БИТУМ (лот. bitumen — қир, қатрон). Ниг. *Қир.*

БИХЕВИОРИЗМ (англ. behaviour — рафтор), яке аз равияҳои асосӣ ва реакционии психологияи муосири буржуазӣ, ки рафтори инсонро иборат аз ҳаракатҳои механикӣ медонад. Охири а. 19 ва аввали а. 20 дар тадқиқоти тачрибавии психикаи ҳайвонот ба миён омад. Баъдтар ин методикаро барои омӯхтани психикаи инсон ҳам кор мефармудагӣ шуданд. Б. ба фаҳмиши рафтори инсон ва ҳайвон ҳамчун маҷмӯи ҳаракатҳои чавобӣ ба таъсири муҳити беруна буньёд ёфтааст. Асоси методологии Б. *позитивизм* аст. Асосгузори Б. Э. Торндайк мебошад. Программа ва истилоҳи Б.-ро Ҷ. Уотсон (1913) пешниҳод карда буд. И. П. Павлов Б.-ро сахт танқид намуда, дар психология ғояи материалистиро асоснок кард. Б. с-ҳои 20-ум ба дараҷаи олии тараққиёт расид. Ғояи асосӣ, методикаи тадқиқот ва истилоҳи Б. дар антропология, социология ва педагогика ҷорӣ гардид. Б. манфиатҳои синфии империалистонро ҳимоя мекунад, зеро синфи коргарро ба ғуломи автомат табдил додан мехоҳад. Б.-ро психологҳои советӣ ва хориҷӣ низ танқид карданд, чунки шуур, тафаккур ва ирода барои истилоҳҳоро аз психология бароварда.

Ад.: Павлов И. П., Лекции о работе больших полушарий головного мозга, М., 1945; Рубинштейн С. А., Основы общей психологии, М., 1946; Ярошевский М. Г., История психологии, М., 1966.

БИЧАХОНУМ, персонажи театри лухтаки тоҷик. Асосан то Революцияи Октябрь вуҷуд дошт (нигр. *Зочабозӣ*). Б. персонажи якчанд пьеса буда, дар ҳар як асар симои ӯ тағьир меёбад. Дар як пьеса зани Полвонкачал, дар пьесаи диг. чун маъшуқаи ӯ баромад мекунад. Б. ҳоҳ зани таппозу инчиқ ва ҳоҳ раққосаи моҳиру хандон аст. Дар Хуҷанд бо номи Бибии Баргигул машҳур буд. *Н. Нурҷонов.*

БИЧЕР-СТОУ (Beecher-Stowe) Гаррист (14. 6. 1811, Личфилд — 1. 7. 1896, Флорида), адибаи америкӣ. Аз оилаи рӯҳонӣ. Романи «Кулбаи Томамак» (1852, тарҷ. тоҷ. 1959), ки шӯхрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд, барои бархам хӯрдани ғуломдорӣ дар ШМА замина тайёр кард. Дар китоби «Калиди кулбаи Томамак» (1853) Б.-С. ҳуҷҷатҳои зиёдеро аз хусуси зулми ғуломдорон эълон кард. Дар романи «Дред, қиссаи ботлоқи лаънатӣ» (1856) ба василанд исломҳот ҳал шудани масъалаи ғуломии зангиҳоро ғайри имкон шумурда, вале аз рӯҳи халли революционӣ он низ ҳуддорӣ кардааст. «Кулбаи Томамак» то с. 1970 ба 21 забони халқҳои СССР 59 маротиба нашр ёфта буд.

БИЧУРИН Никита Яковлевич (Иакинф) (9. 9. 1777 деҳаи Акулевои уезди Цивиль, губ. Казон — 23. 5. 1853, Петербург), ҳитойшиноси рус. Аз оилаи кашиши чуваш. С. 1799 Академияи диниии Казонро хатм кард. Аз с. 1807 дар бадали 14 сол сардори миссияи динӣ дар Пекин буда, забони ҳитоиро омӯхт. С-ҳои 1828—51 як қатор асарҳои илмӣ чоп кард. Аз с. 1828 аъзо-корр. АФ Россия, аз 1831 аъзои ҷамъияти Осиё дар Париж. С-ҳои 1835—37 бори нахуст дар Россия омӯзишгоҳи забони ҳитоӣ кушод. Асарҳои асосиаш ба таърих ва этнографияи халқҳои Осиёи Миёна ва Марказӣ, инчунин ба таърих, маданият ва фалсафаи Ҳитой бахшида шудаанд. Асари секисмаи «Маҷмӯи маълумотҳо дар бораи халқҳое, ки дар давраҳои қадим дар Осиёи Миёна зиндагӣ кардаанд» барои омӯхтани таърихи ин кишвар аҳамияти калони илмӣ дорад.

БИҲИШТ بهشت мувофиқи таълимоти ислом боғу бӯстони он дунёё, ки мусулмонони пок баъди фавт дар он ҷо зиндагиро давом медиҳанд. Дар Б. гӯё тамоми василаҳои ҳаёту маишат муҳайёянд, одамон аз меҳнати вазнини ҷисмонӣ, аз ҳаман ташвишҳои зиндагӣ, аз азоби гармию сардӣ фориғ буда, либосҳои шоҳӣ мепӯшанд ва ҳуру ғилмон дар хизмати онҳоанд.

Идеяи Б. дар маъноҳои саодати уқбоӣ дар *дини яҳудӣ*, *зардуштия*, *масеҳият* пайдо шуда, сонӣ ба ислом ғузаштааст. В. И. Ленин таълимоти диниро дар бораи Б. ва охират танқид карда, навишта буд: «Касеро, ки тамоми умр кор мекунаду мӯҳтоҷӣ мекашад, дин дар ин дунёё ба сабру қаноат кардан меомӯзад, ба умеди мукофоти илоҳӣ тасаллӣ мебахшад. Вале ба касоне, ки бо меҳнати дигарон зиндагонӣ мекунанд, дин хайру эҳсонкориро дар ин дунёё таълим дода, ба онҳо барои сафед карда нишон додани тамоми ҳаёти истисморгаронаашон воситаҳои арзонро таклиф мекунад ва бо нархҳои қулай ба осоиши охират билет мефурӯшад» (Ас. ч. 10, саҳ. 75—76). *Х. Қурбонов.*

БИҲӢ (Cydonia oblonga), бутта ё дарахтест аз *настаранҳо*. Баландиаш 1,5—10 м, сершохи ахромшакл, баргаш байзашакл ё мудаввари дарозрӯя, гулаш дучинсаи гулобӣ ё сафеди хушбӯй, май — июнь пас аз барг гул карда, мевааш сент.—нояб. мепазад. Мевааш кулӯла ва нокшакли зард, магзаш сахт, камшира, хушбӯй, 200—1000 г (баъзан то 3 кг). Тухмаш байзашакли ҷигарии сурхча (1000 донааш 24—44 г). Б.-и худрӯй дар Озарбойҷон, Догистон, Туркманистон меруяд. Б. дар Европа, Америка, Австралия, СССР (районҳои ҷанубии қисми европоии Кавказ ва Осиёи Миёна), Эрон, Афғонистон ва г. парвариш карда мешавад. Б.-ро дар Тоҷикистон аз замонҳои қадим мепарваранд. Б.-ро бо қаламча, фарғон, бехчаст ва тухм зиёд мекунанд. Аз 2 то 50-солагӣ ҳосил медиҳад. Аз сармои бармаҳал кам зарар мебинад. Б. намидуст ва дар заминҳои сернаму ҳосилхез нагз месабзад. Иқлими водии Ҳисор, р-нҳои Ғарму Кӯлоб ва инчунин р-нҳои водии Фарғона барои парвариши Б. мусоиданд. Биҳизорро дар заминҳои сернам, ҳосилхез ва нишебиҳои офтобраси районҳои наздикӯҳӣ буньёд карда, ба ҳар га 280—333 бехӣ ниҳол (5 × 6 м) мешинонанд. Хоки байни раддаҳои биҳизорро тирамоҳу баҳор шудгор карда (бо чуқурии 50—60 см), 10—12 маротиба (бо меъёри 700—800 м³) об мемонанд; ба ҳар га то 40 т нурӣ (Р—300, К—150 кг/га) медиҳанд. Дар республика бештар навъҳои серҳосили чиллагӣ, нокбиҳӣ, себбиҳӣ, миёнапазак, дерпазак, кулчабиҳӣ ва г.-ро мепарваранд. Дар коллекцияи навъҳои Б.-и Станцияи минтақавии меваҷоти субтропикии Вахш «Қизилқӯрғон» (477—800 г) беҳтарин ба шумор меравад. Аз ҳар га-и биҳизори навъҳои пешпазак 200—300 ц, миёнапазак 200—370 ц ва дерпазак 170—250 ц ҳосил мегиранд. Меваи тару тозаи Б. хуштаъму сергизо, 8,75—12,6% қанд (5,97—9,28% фруктоза, 2,77—3,31 глюкоза ва 1,16—2,58% сахароза) ва инчунин туршии себу лиму, кислотаи тартрат, моддаҳои пектинӣ (0,33), даббоғӣ (0,42—0,66%), витамини С, қариб 20 мг%, равғани эфир, Fe (30 мг/кг) ва Cu (1,4 мг/кг) дорад. Дар тиб аз ҷавҳар ва тухми Б. барои табобати касалиҳои камхунӣ, хунравӣ, бод, хала, нуқси узвҳои нафас, истисқо (обхӯра), исҳол, сулфа ва г. истифода мекунанд. Б. аҳамияти ороишӣ низ дорад.

Тасвирро нигр. дар саҳ. 384—385.

Ад.: Плодоводство Таджикистана, Д., 1976; Чиков П. С., Лаптев Ю. П., Витаминные и лекарственные растения, М., 1976. *У. Эшонқулов.*

БЛАГОВЕ́ЩЕНСК, шаҳр, маркази маъмурии вил. Амури РСФСР. Дар соҳили д. Амур ва резишгоҳи д. Зея воқеъ аст. Ст. р. о., бандар. Аҳол. 177 ҳаз. наф. (1977). Корхонаҳои калонаш: з-дҳои «Амурский металлист» «Амурэлектроприбор», дастгоҳҳои электрикӣ, таъмири механикӣ, таъмиру ба истифодадиҳӣ; мебель, спирту арақ, равғаи; комб-ҳои гӯшту орд; ф-каҳои дӯзандагӣ, кӯгаз. Ин-тҳои педагогӣ, тиббӣ, х. қ., фак-ти умумитехникии Ин-ти политехникии Хабаровск, 12 мактаби миёнаи махсус, театри драма, музеи кишваршинос ва г. дорад. Б. с. 1856 ҳамчун пости ҳарбӣ бо унвони Усть-Зея сохта шуда, 1858 ба шаҳр табдил ёфт.

БЛАГОВЕ́ЩЕНСКИЙ Эллий Николаевич (18. 4. 1912, Красноярск — 5. 5. 1968, Душанбе), геоботаник, ҳоҳшиноси советӣ, доктори илмҳои географ (1953). Б. баъди хатми Ун-ти давлатии Ленинград (1935) с-ҳои 1935—49 ходими илмии Станцияи регу биёбони Репетеки филиали



Туркманистони АФ СССР, директори мамнӯъгоҳи Репетек, 1949—53 мудири шӯъбаи хокшиносии Ин-ти биёбоназхудкунии РСС Қаз., 1954—61 ходими калони илмӣ, 1962—68 роҳбари шӯъбаи гидрология ва мелиорацияи заминҳои лалмии Ин-ти тадқиқоти илмии хокшиносии Тоҷикистон буд. С-ҳои 1962—63 бо даъвати ЮНЕСКО дар Ин-ти марказии вилоятҳои иқлимашон хушки Ҳиндустон (Ҷодпур) эксперти экоклиматология буд. Бештар аз 70 асари илмӣ дорад, ки ба масъалаҳои ташаккули типҳои гуногуни работоти р-ниҳои Туркманистон, Тоҷикистон, Ҳиндустон, тадбирҳои бешазоркунии Қароқум, низоми об ва намаки хокҳои пазди Балхашу Қароқум, Тоҷикистони Ҷанубӣ, баланси оби заминҳои лалмии Тоҷикистон, масъалаҳои сабзкорӣ ва геоморфологияи биёбон ва г. бахшида шудааст.

Ас.: Водный режим почвогрунтов в пустынях Средней Азии, Сталинабад, 1958; Режим почвенной влажности в предгорьях Гиссарского хребта, «Тр. Ин-та почвоведения АН Таджикской ССР, т. 9, 1960; Продольные эоловые формы рельефа в Таджикистане, «Докл. АН Таджикской ССР», т. 4, 1961, № 2; Сухие саванны Северо-Западной Индии, «Проблемы освоения пустынь», 1967, № 1, Внутрипочвенный влагооборот в сероземах и коричневых почвах, «Тр. Ин-та почвоведения», т. 13, в. 1, Д., 1969.

Г. Т. Турдиев.

БЛАГО́ЕВ Димитр (14. 6. 1856, деҳаи Загоричане — 7. 5. 1924, София), нахустин тарғиботчии марксизм дар Булғория, асосгузор ва роҳбари Партияи коргарии с.-д.-и Булғория. Аз оилаи деҳқони камбағал. Аз ҷавонӣ дар муборизаи миллию озодихоҳии халқи булғор ба муқобили асорати туркҳо иштирок кард. С-ҳои 1878—80 дар Омӯзишгоҳи реалии Одесса, 1881—85 дар Ун-ти Петербург таҳсил намуд. Дек. 1883 яке аз аввалин гурӯҳҳои с.-д.-и Россияро ташкил кард (ниг. *Гурӯҳи Благоев*). Марти 1885 ҳукумати подшоҳӣ Б.-ро ҳабс ва ба Булғория бадарға намуд. С. 1891 бо роҳбарии Б. Партияи с.-д.-и Булғория таъсис шуд. Б. дар конференцияҳои социалистии Белград (1910) ва Бухарест (1915) сардори ҳайати вакилони социалистони теснякҳо (ҷараёни революционии партияи с.-д. Булғория) буд. Дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) Б. хусусияти империалистии ҷанг ва хиёнати социал-шовинистони Интернационали II-ро фош намуд. Аз с. 1905 ҷ. якуми «Капитал» ва чанд асари диг. К. Марксро ба забони булғорӣ тарҷума кард. Б. Рев. Каб. Соц. Октябрьро бо рӯҳбаландии калон истиқбол намуда, идеяҳои большевиконро тарғиб мекард. Доир ба фалсафаи марксистӣ, иқтисоди сиёсӣ, таърих, эстетика ва адабиёти булғор асарҳои илмӣ навиштааст.

БЛАГОНРА́ВОВ Анатолий Аркадьевич (тав. 1. 6. 1894, деҳаи Аньковои губ. Владимир — 4. 2. 1975, Москва), механики советӣ (дар соҳаи баллистика), акад. АФ СССР (1943), генерал-лейтенанти артиллерия, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1964, 1974), Ходими Хизматнишондодаи Илм ва Техникаи РСФСР (1940). Аъзои КПСС аз с. 1937. Ин-ти политехникии Петроград (1916) ва Академияи ҳарбии техникиро (1929) хатм кардааст. Президенти АН артиллерӣ (1946—50), директори Ин-ти мошиншиносӣ (1953), акад.-котиби шӯъбаи илмҳои техникии АФ СССР (1957—63). Корҳои илмии Б. асосан ба масъалаҳои механика, аслиҳаи оташфишон, аслиҳаи авиационӣ ва тадқиқоти кайҳон оиданд. Аъзои Сарредакцияи Энциклопедияи Калони Советӣ (нашрҳои 2 ва 3), раиси Комиссияи АФ СССР доир ба тадқиқ ва истифодаи фазои Кайҳон, нопби президенти Комитети байналхалқии тадқиқоти кайҳонӣ (КОСПАР). Лауреати Мукофоти ленинӣ (1960) ва Мукофоти давлатии СССР (1941). Бо 5 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

БЛАН (Blanc) Луи (29. 10. 1811, Мадрид — 6. 12. 1882, Канн), социалисти хаёлии франсавӣ, муаррих, журналист, арбоби Рев. 1848 Франция. Аз оилаи ашроф. Ақидаҳои Б. оид ба инкишофи процесси таърихӣ ба ғояҳои Сен-Симон асос меёфт. Дар давраи Рев. 1848 ба ҳайати ҳукумати муваққатӣ дохил шуда, тактикаи созишкориро пеш гирифт, ки ба манфиати синфи коргар зарар овард. С. 1871 ба Маҷлиси миллӣ интихоб шуда, дар сафи душмании *Коммунаи Париж* буд. Рисолаҳои «Таърихи революцияи 1848» ва «Таърихи революцияи Франция»-ро таълиф кард. Ба таърихи социализм ва ҳаракати коргарӣ ҳамчун асосгузори оппортунизм ва ислоҳотпарастӣ дохил шудааст.

БЛАНКИ́ (Blanqui) Луи Огюст (1. 2. 1805, Пюже-Тенье, наздикии Ниццa—1. 1. 1881, Париж), революционери франсавӣ, коммунисти утопист, иштирокчии фаъоли ҳаракати республикавию демократии давраи барқарор шудани сулолаи Бурбонҳо (1814—30), Революцияи июлии 1830 ва Монархияи июлӣ. С-ҳои 1835—39 ташкилотчӣ ва роҳбари ташкилоти махфии «Ҷамъияти оилаҳо» ва «Ҷамъияти фаслҳои сол». Баъди шикасти шӯриши 12 мае 1839 ба қатл, сонӣ ба ҳабси якумра маҳкум шуд. Рев. 1848 ӯро аз ҳабс озод кард. Б. клуби Ҷамъияти марказии республикавиро таъсис кард. Баъди намоиши 15 мае 1848 дар Париж ба ҳабс гирифта шуд. С. 1859 озод шуда ба Париж омад. С-ҳои 1861—65 боз дар ҳабс буд. С. 1865 аз ҳабс гурехта, дар Брюссель маскан гирифт. 14 авг. 1870 ба Париж баргашт. Дар охири умр кӯшид, ки тарафдоронашро ба ташкилоти партиявӣ муттаҳид намояд. Дар дарки воқеаҳои таърих идеалист буд, маърифатнокии оммаро воситаи асосии инкишофи таърих медонист. Муборизаи синфиро эътироф менамуд, вале ба нерӯи пролетариат баҳои сазовор намедод. Муваффақияти революцияро ӯ дар суиқасди муташаккилона медид. Пайравони ӯро бланкичиён меноманд. Классикони марксизм-ленинизм ба Б. чун революционер ва тарафдори социализм баҳои баланд дода, барои тактикаи суиқасдро неш гирифтанаш танқид кардаанд.

БЛА́СКО ИБА́НЬЕС (Blasco Ibanez) Висенте (29. 1. 1867, Валенсия — 28. 1. 1928, Ментона), нависандаи испан. Дар асарҳои «Ҳаёти лоқайдона» (1894), маҷмӯаи «Ҳикоятҳои валенсиявӣ» (1896), «Работ» (1898), «Дар афлесунзор» (1900) зулми иҷтимоӣ дар деҳот ва ҳирси пулпарастиро фош кардааст. Дар романҳои аввалини ӯ таъсири натурализм дида мешавад. Муаллифи романҳои иҷтимоии «Калисои Толедо» (1903), «Меҳмони нохонда» (1904), «Маҳаи урьён» (1906), «Хуну хок» (1908) мебошад. С. 1923 пас аз барқарор шудани диктатураи ҳарбӣ ба Франция ҳиҷрат намуд. Романи «Дар чустучӯи Хони Бузург» (1928) ба Х. Колумб бахшида шудааст.

БЛАСТОМИКО́З, касалии пӯст ва узвҳои дарунии ҳайвон. Ангезандаи Б. занбӯруғи Blastomyces dermatitides аст. Манбаи табиии занбӯруғ хок мебошад. Ба Б. асосан саг гирифтор мешавад. Асп, бузу гӯсфанд, калламуши даштӣ ба Б. ҳассосанд. Ангезандаи Б. бо пешоб, балгам, оби даҳон, фасоди захми пӯсти ҳайвони касал ҷудо мешавад. Ҳайвони солим ба воситаи ҷароҳати пӯст ва роҳҳои нафас сироят меёбад. Усули табобат номаълум. Ҳайвони касалро мекушанд, то ки касалиаш ба одам нагузарад.

БЛА́СТУЛА (юн. blastós — ҷанин), давраи инкишофи ҷанини организми ҳайвоноти бисьёрҳуҷайра мебошад (ғайр аз ширхӯрон ва одам), ки бо оп касрати (тақсимшавии) тухми бордоршуда ба охир мерасад. Дар вақти касрати пурра (дар обхокиҳо, хорпӯстҳо ва г.) целобластулаи ковок (бластоцель) ва девора (бластодерма)-дор ва ҳангоми касрати нопурра дискобластула (дар моҳиҳо, хазандаҳо, паррандаҳо) ҳосил мешавад. Б.-и бековокро стерробластула меноманд. Б. инкишоф ёфта, ба *гаструла* мубаддал мегардад.

БЛЕФАРИТ (юн. blépharon—пилк), илтиҳоби канори пилки чашм, ки аз камвитаминӣ, вайроншавии мубодилаи модда, аз ҳар гуна беморихо (боди гарм, баъзан аз касалихои дандон, бини ва г.) ба амал меояд. Таъсири зарарноки ҳар гуна омилҳои беруна (гарду чанг, боду ғубор, дуд) боиси ба осонӣ сар задани Б. мегардад. Б. мукаррарӣ, решнок ва мейбомӣ мешавад. Ҳангоми Б.-и м у к а р р а р ӣ канори пилк сурх шуда газак мегирад, пулакча пайдо мекунад, мижа мерезад. Дар вақти Б.-и р е ш н о к дар пилки сурхи газакгирифта карахшҳои римнок пайдо мешаванд ва ҳангоми кӯчидани онҳо яраи хунрезшор намудор мешавад. Дар мавриди Б.-и м е й б о м ӣ дар кунҷҳои чашм хилм ҷамъ мешавад. Аломатҳои Б. аз хориши пилк, рӯшноитарсӣ ва тез монда шудани чашм иборат аст.

М у о л и ҷ а: рафъи сабаби асосии Б.; истифодаи дорухои дезинфекциякунанда.

БЛИНДАЖ (франс. blindage — паноҳгоҳ, сарпаноҳ), иншооти мудофиавӣ барои химояи ҳайати шахсӣ аз оташи пулемёт, артиллерия, миномёт ва г. Аз оҳану бетон, чӯбу тахта, санг ва г. сохта мешавад. Аввалин бор дар мудофиаи Севастополь (1854—55), баъд дар давраи ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ бисьёр истифода шуд.

БЛОК Александр Александрович (28. 11. 1880, Петербург — 7. 8. 1921, Петроград), шоири рус. Ун-ти Петербургро хатм кардааст (1906). Аз с. 1903 шеърҳояш чоп шудаанд. С. 1904 маҷмуаи «Шеърҳо дар васфи Ҳонуми Зебо»-ро нашр кард. Баъди Рев. 1905—07 мавзӯи ватан дар ашъораш мақоми асосӣ гирифт. Асарҳои ӯ мазмунан амиқтар шуда, аз онҳо тӯфони фарорасидаистодаи давр ҳис мешуд. (Силсилаи шеърҳои «Дар дашти Куликов», 1908; фаслҳои силсилаи «Афкори озод», 1907; достони нотамоми «Ҷазо», 1910—21). Тадричан ашъори Б. аз рамзҳои мучарради мистикию романтикӣ озод шуда, сурати конкрет, ҳаётӣ ва ниҳоиштоти дилпазиреро мегирад («Шеърҳои италиявӣ», 1909; достони «Боғи булбулон», 1915 ва г.). Бисьёр ғояҳои ашъори Б. дар осори драмавиаш инкишоф ёфтаанд: пьесаҳои «Зани ношинос», «Шоҳ дар майдон» (1906), «Суруди Қисмат» (1907—08), «Садбарг ва Салиб» (1912—13). Рев. Октябрь ба эҷодиёти Б. нерӯи тоза бахшид. С. 1918 Б. доир ба заволи олами кӯҳна ва мусодимаи он бо ҷаҳони нав бо унвони «Дувоздаҳ» достоне навишт. Шеъри «Скифҳо» (1918) ба вазифаи таъриҳии Россияи инқилобӣ бахшида шудааст. Б. романтик буд. Шеърҳояш ба бисьёр забонҳои олам, аз ҷумла, ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

БЛОКИ АВГУСТӢ ЗИДДИПАРТИЯВӢ, иттиҳоди гурӯҳу ҷараёнҳои зиддипартиявӣ (троцкичиён, ликвидаторҳо, бундчиён ва г.), ки баъди *Конференцияи шашуми (прагагии) умумироссиягии РСДРП* (1912) ҳудро ба партия муқобил гузоштанӣ шуданд. Ташаббускори ин блок Л. Д. Троцкий буд. Б. а. з. дар Конференцияи Вена 25 авг.— 2 сент. 1912 ба вуҷуд омад. Л. Д. Троцкий, Л. Мартов, М. Гольдман ва диг. дар маърӯзаҳои худ муҳимтарин талабҳои программаи РСДРП-ро ревизия карданд. Конференция аз платформаи худ шиорҳои революционии республикаи демократӣ, мусодираи замини помещикон ва ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳоро берун намуда, ба ҷои онҳо дар бораи ислоҳоти конституционӣ ва думаи комилҳуқуқ талабҳои либералӣ пешниҳод кард. Б. а. з. ликвидаторҳоро дастгирӣ менамуд, ба сиёсати революционии большевикон муқобил мебаромад ва ба барҳам додани партияи революционии ғайрилегалӣ даъват мекард. Большевикон хусусияти реакционӣ ва беприципии иттиҳодияи троцкичиёнро фош намуданд. Б. а. з., ки бо омма ҳеҷ алоқа надошт, дар зери зарбаҳои партияи большевикон с-ҳои 1913—14 барҳам хӯрд.

БЛОКИ ЗИДДИПАРТИЯВИИ ТРОЦКИЧИЁНУ ЗИНОВЬЕВЧИЁН, гурӯҳи зиддипартиявие, ки тобистони с. 1926 дар натиҷаи муттаҳид шудани троцкичиёну зиновьевчиён ташкил ёфта, дар атрофи он гурӯҳҳои пеш торуморшудаи оппозиционӣ («Оппозицияи нав», «Децистҳо», «оппозицияи коргарӣ») ҷамъ омада буданд. Троцкичиёну зиновьевчиён ленинизмро ревизия ва имконияти сохтмони социализмро дар СССР инкор менамуданд, ба сиёсати индустрикунонии социалистӣ зид мебаромаданд, дар байни синфи коргар ва деҳқонон ҷудоӣ андохтанӣ мешуданд. Иштирокчиёни блок нормаҳои Устави партия, қарори съездҳои партияро даҳалона вайрон карда, дар партия ихтилоф меандохтанд, кӯшиш доштанд, ки партияи зиддиленинӣ, партияи пинҳонӣ ташкил намоянд. Б. з. т. з. ба партияҳои коммунистии мамлакатҳои хорича ва Интернационали коммунистӣ зарари калон расонд.

Конференцияи 15 ВКП(б) моҳи нояб. ва Пленуми васеи Комиҷроияи Коминтерн дек. 1926 Б. з. т. з. ва тарафдорони онро чун ихтилофкорон маҳкум намуданд. Июни 1927 роҳбарони Б. з. т. з. ба КМ ВКП(б) бо «Платформаи 83» мурочиат карда, талаб намуданд, ки мубоҳисаи умумипартиявӣ шурӯъ шавад. Дар рафти ин мубоҳиса Б. з. т. з. пурра шикаст хӯрд. Иштирокчиёни блок ва тарафдорони он шикасти худро ҳис карда, муборизаи зидди партия ва Ҳукумати Советиро боз ҳам шиддатноктар намуданд. Бинобар ин Партияи Коммунистӣ маҷбур шуд, ки нисбат ба роҳбарони блок чораҳои қатъӣ бинад. 14 нояб. 1927 Пленуми якҷояи КМ ва Комиссияи Марказии Назорат Троцкий ва Зиновьевро аз сафи партия хориҷ кард. Оппозиционерони диг. аз ҳайати КМ ва КМН бароварда шуданд. Съезди 15 ВКП(б) (1927) қарори Пленуми якҷояи КМ ва КМН-ро маъқул донист ва қарор кард, ки диг. шарикони онҳо низ аз партия ронда шаванд. Аз ҷиҳати идеявӣ шикаст додани Б. з. т. з. барои мустаҳкам шудани Партияи Коммунистӣ, Давлати Советӣ ва сохтмони социализм дар СССР аҳамияти калон дошт.

А. Олимов

«БЛОКИ ПРОГРЕССИВӢ», иттиҳодияи фракцияҳои буржуазию помещикии Думаи 4-уми давлатӣ ва Совети давлатӣ (октябристҳо, «прогрессистҳо», миллатчиён, кадетҳо ва диг.) дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18). Авг. 1915 дар натиҷаи инкишофи ҳаракати революционӣ ва мағлубияти армияи ҳукумати подшоҳӣ дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ ташкил ёфта буд. Намояндагони як қатор фракцияҳои буржуазию помещикӣ с. 1915 ҳукуматро танқид ва ташкили «ҳукумати эътимоднок»-ро талаб карданд. «Б. п.» кӯшиш дошт, ки бо ҳукумати подшоҳӣ созиш намояд. Дар натиҷаи тезу тунд шудани вазъияти сиёсии мамлакат «Б. п.» фаъолтар шуд. Рев. февр. буржуазию демократии 1917 фаъолияти «Б. п.»-ро қатъ кард. Аксарияти роҳбарони он ба ҳайати *Ҳукумати муваққатӣ* дохил шуданд.

«БЛОКНОТИ АГИТАТОР», ниг. *«Агитатори Тоҷикистон»*.

БЛОХИН Николай Николаевич (тав. 4. 5. 1912, ш. Лукоянови губ. Нижегород), ходими намоёни ҷамъиятӣ, ҷарроҳ-онкологи советӣ, акад. (1960) ва президенти АИТ СССР (1960—68 ва аз с. 1977), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1972). Аъзои КПСС аз с. 1948. Ин-ти тиббии Горькийро (1934) хатм кардааст, аз с. 1947 проф. ҳамин ин-т. Б. ташкилотчӣ ва директори Ин-ти таҷрибавӣ ва клиникии онкологияи АИТ СССР (аз с. 1952), аз с. 1975 директори Маркази илмии онкологии АИТ СССР. Асарҳояш (зиёда аз 200) ба онкология, ҷарроҳии ҳарбӣ, осебшиносӣ ва ташкили илми тиб бахшида шудаанд. Муаллифи монографияи «Пластикаи пӯст» (1955) аст, ки сазовори лауреати Мукофоти ба номи Н. Н. Бурденкои АИТ СССР гардид (1956). Б. президенти Иттифоқи байналхалқии зидди саратон (1966), президенти фахрии он (аз с. 1970), президенти Конгресси VIII байналхалқии зидди саратон, аъзои якчанд академияҳои хориҷи ва ҷамъиятҳои илмӣ, раиси Комитети оид ба

Мукофотҳои байналхалқии ленинӣ «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо». Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7 ва 8). Бо 3 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Наука против рака, М., 1964; Вирусы, рак, иммунитет, М., 1965; О достижениях и путях развития медицинской науки, М., 1968.

БЛОХИНЦЕВ Дмитрий Иванович (тав. 11. 1. 1908, Москва), физики советӣ, аъзо-корр. АФ СССР (1958), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1956). Аъзои КПСС аз с. 1943. Б. роҳбари лоиҳакашӣ ва сохтмони нахустин дар ҷаҳон электростанцияи атомӣ буд. С-ҳои 1956—65 директори Ин-ти муттаҳидаи тадқиқоти ядрӣ (Дубна), аз 1965 директори лабораторияи физикаи назарияви ҳамин ин-т. Аввалин асарҳои илмии Б. ба назарияи квантии ҷисмҳои сахт, ҳодисаҳои дар нимноқилҳо зоҳиршаванда, акустикаи муҳитҳои ҳаракаткунандаи ғайриякҷинса ва механикаи квантӣ бахшида шудаанд. Б. аз с. 1947 дар соҳаи физикаи ядрӣ ва техникӣ, назарияи реакцияҳои занҷирӣ ва реакторҳои атомӣ, масъалаҳои назарияи заррачаҳои элементарӣ кор мекунад. Муаллифи аввалин дастуруламали механикаи квантӣ дар СССР. Б. аъзои комитети муҳофизати сулҳи СССР (аз 1963), президенти Иттифоқи физикаи назарияви ва амалӣ (JUPAP) аз с. 1966 ва аз 1967 муҳовири Совети илмии котиби генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида (ООН). Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1952, 1971) ва Мукофоти ленинӣ (1957). Бо 4 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва инчунин медальҳо мукофотонида шудааст.

БЛЮМИНГ, блуминг (англ. blooming), *дастгоҳи прокати* сермаҳсул, ки рехтаҳои пӯлодини массааш то 12 т ва зиёда аз онро фишурда ба блюм (маҳсулоти нимтайёри истеҳсолоти металлургӣ — масолеҳи пӯлодини чортароши тарафҳояш зиёда аз 140 мм) табдил медиҳад. Б. дар з-дҳои металлургӣ дар байни цехи пӯлодгудозӣ ва цехи прокат, ки маҳсулоти тайёр мебароранд, эвенои мобайнӣ аст. Истифодаи Б. барои ба парчаҳои калон-калон рехтани пӯлод ва беҳтар шудани сифати прокат имконият фароҳам меорад. Дар СССР Б.-ҳои пуриқтидори автоматонидашуда сохта шудаанд, ки соле то 6 млн т рехтаҳои пӯлодӣ (мас., Б.-и з-дҳои металлургии Кривой Рог ва Челябинск) истеҳсол мекунанд ва ҳосилнокии онҳо дар ҷаҳон баланд-тарин аст.

БЛЮХЕР Василий Константинович (1. 12. 1890, деҳаи Борщинкаи губ. Ярослав — 9. 11. 1938), ходими ҳарбӣ ва партиявии советӣ, Маршали Иттифоқи Советӣ (1935). Аъзои КПСС аз с. 1916. Аз оилаи деҳқон. Иштирокчии ҷанги якуми ҷаҳонӣ буда, янв. 1915 сахт маҷрӯҳ ва аз сафи армия озод шуд. Дар Сормово ва Қазон челонгар шуда кор кард. Баъди Рев. Февралии 1917 бо қарори ташкилоти партиявии Самара барои корҳои революционӣ дар байни аскарҳо ихтиёрӣ ба полки эҳтиётии 102-юм дохил шуд. Пас аз исьёни Корпуси чеху словакҳо ба аскарони советӣ, ки дар р-ни Оренбург ба муҳосира монда буданд, роҳбарӣ намуда, бо онҳо дар Урал рейди қаҳрамононаи 1500 км кард ва сент. 1918 бо Армияи Сурхи 3-юм ҳамроҳ шуд. Б. сазовори аввалин ордени Байраки Сурх гардид. Дар торумори Колчак ва мудофиаи плацдарми Каховкаву штурми Перекоп иштирок кард. С-ҳои 1921—22 вазири ҳарбӣ, раиси Комитет ва аъзои Совети ҳарбии Армияи халқии революционии Республикаи Халқии Шарқи Дур буд, 1924—27 сармушовири ҳарбӣ дар назди ҳукумати революционии Хитой дар Гуанчжоу (Кантон) буд. С-ҳои 1929—38 ба Армияи махсуси Байраки сурхдори Шарқи Дур фармондеҳӣ карда, қӯшунҳои милитаристони Хитойро ҳангоми задухӯрди советию Хитой (1929) торумор гардонид. Дар Съезди 17-уми партия (1934) номзад ба аъзоии КМ ВКП(б) интихоб шуд. Аъзои КИМ Умумироссия (ВЦИК, 1921—24) ва аъзои КИМ СССР (1930—38). Депутати Совети Олии СССР (даъвати якум). Бо ордени Ленин, 5 ордени Байраки Сурх ва ордени Ситораи Сурх мукофотонида шудааст.

БО (ب), номи ҳарфи дуюми алифбои арабӣ ва арабиасоси тоҷикӣ. Дар алифбои лотиниасоси тоҷикӣ ба воситаи ҳарфи «B» ва дар алифбои русиасоси тоҷикӣ ба воситаи ҳарфи «Б» ифода мешавад. «Б.»-и алифбои арабӣ ба воситаи алифбои оромӣ аз ҳарфи «бет»-и алифбои финиқӣ пайдо шудааст. Дар «Абҷад» қимати ададии Б. ба 2 баробар. *В. А. Капранов.*

«БО РОҲИ КОММУНА», газета, органи комитети районии ПК(б) Тоҷ. ва Совети депутатҳои меҳнаткашони р-ни Роҳатӣ. Аз с. 1938 то 1953 бо тиражи 1400 нусха ба забони тоҷикӣ ҳафтае ду бор нашр мешуд. С. 1953 чопаш қатъ гардид.

«БО РОҲИ КОММУНИЗМ», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Советӣ депутатҳои меҳнаткашони собиқ р-ни Тоҷикобод. Аз с. 1939 то 1959 бо тиражи 2000 нусха ба забони тоҷикӣ ҳафтае ду маротиба чоп мешуд. С. 1959 чопи газета қатъ гардид.

«БО РОҲИ ЛЕНИН», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои меҳнаткашони р-ни Ленинобод. Аз с. 1958 то 1959 бо тиражи 3100 нусха ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ҳафтае ду бор чоп мешуд. С. 1959 чопи он қатъ гардид.

«БО РОҲИ ЛЕНИНӢ», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои халқии р-ни Ҳуҷанд. Аз с. 1962 ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дар як ҳафта се маротиба чоп мешавад. Тиражаш 12900 нусха (1978).

БОБ باب номи аслиаш Саид Алӣ Муҳаммад (20. 10. 1819—9. 7. 1850), асосгузори бобия, роҳбари *шӯриши бобиён* (1848—52) дар Эрон. Б. пайрави фирқаи *шайхия* и шиа буда, с. 1844 худро даре (Боб) эълон кард, ки Маҳдӣ аз он иродоти худро ба халқ мерасонад. С. 1847 Б.-ро ба ҳабс гирифтанд. Дар ҳабсхона китоби «Баён»-ро навишта, асосҳои таълимоти худро таълиф намуд. Ҳангоми шӯриши бобиён аз тарафи ҳукуматдорон дар Табрез парронда шуд. Ниг. низ *Бобия.*

БОБАК بابك (тақр. 798—800 — 5. 1. 838, Сомарро), сарвари шӯриши калони халқӣ дар Озарбойҷон ва Эрони Ғарбӣ тақрибан с-ҳои 816—837. Писари савдогар, дар ҷавонӣ чӯпон, сорбон ва шогирди косиб буд. Ба *хуррамиён* наздик шуда, пас аз вафоти роҳбари хуррамиён — Ҷовидон (816) сардори онҳо гардид. Бар зидди арабҳо шӯриш бардошт, ки пахш карда шуд. 16 сент. 837 ғолиби ҳамлаҳо аъёну ашроф Б.-ро дастгир ва 5 янв. 838 дар пойтахти хилофат — ш. Сомарро қатл карданд. Тани ӯро дар Сомарро овехтанд, сарашро ба Хуросон бурда, барои тарсонидани аҳолӣ намоиш доданд. Ниг. *Исьёни Бобак.*

Ӯ. Пӯлодов.

БОБАКИЯ, ниг. *Хуррамия.*

БОБИЕВ Файзӣ (тав. 1905, деҳаи Сарибулоқи вил. Кӯлоб), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). Б. с-ҳои 1926—29 муборизи зидди босмачиён, 1930—32 иштирокчии фаъоли ҳаракати колхозӣ буд. С-ҳои 1933—41 колхозчӣ, 1945—71 сардори звено ва бригадаи пахтакорӣ ва бағдории к-зи «Съезди 22 партия»-и р-ни Ҳисор ва аз с. 1971 нафақахӯри шахсӣ. Звенои Б. с-ҳои 1945—47 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБИЯ بابیه таълимоти динии бобиён, ки с-ҳои 40-уми а. 19 дар Эрон пайдо шудааст ва асосгузораш тоҷири шерозӣ Саид Алӣ Муҳаммад *(Боб)* буд. Таълимоти Б., ки дар китоби «Баён»-и Боб шарҳ ёфтааст, ин. аст: давраи пайғамбарии Мусо, Исо ва Муҳаммад гузаштааст. Қуръону шариат кӯҳна шудаанд ва «Баён» бояд онҳоро иваз намояд. Сабабгори бадбахтию беадолатӣ ҳукуматдорон ва рӯҳониён мебошанд. Ҳамаи одамон аслан баробаранд. Молу мулки ғайри бобиён (феодалон, аҷнабиён) бояд мусодира шуда, дар байни бобиён тақсим шавад. Б. дигаргунии ҷамъиятиро талаб карда, ташкили давлати муқаддаси бобиёнро мехост. Б. бархилофи таълимоти исломи расмӣ ба занон иҷозат дод, ки бе фаранчию чашмбанд гарданд. Унсурҳои демократии Б.-ро шогирдони Боб—Муҳаммад Алии Борфурӯшӣ ва Зарринтоҷ (мутахаллис ба Қуррат-ул-айн ва Тоҳира) инкишоф додаанд. Оммаи меҳнаткашони Эрон таълимоти зиддифеодалии Б.-ро чун даъват ба муборизаи қабул карда, шӯриш бардоштанд. Бузургтарин шӯришҳо дар Мозандарон (1848—49), Занҷон (1850) ва Наирез (1850) барпо гаштанд. Шӯришгарон барҳам додани моликияти хусусӣ, хирочу андози гуногуни деҳқонон, имтиёзоти синфҳои ҳукмрон, баробарҳуқуқии занону мардон ва г.-ро талаб мекарданд. Қӯшунҳои шоҳ бо дастгирии рӯҳониёни шиа бар зидди бобиён ғазо эълон намуда, шӯришро бераҳмона пахш карданд. Дар заминаи боқимондаҳои Б. фирқаи нави космополитии *баҳоия* пайдо шудааст. Идеологияи Б. дар баробари як қатор талабҳои демократи доштанаш моҳиятан иртиҷой буд. Мас., ақидаи ташкили давлати муқаддаси бобиён манфиатҳои синфии буржуазияи миллиро ифода карда, ба ҳомӣ намудани антагонизми синфӣ ва дар байни омма ба миён овардани чудоии мазҳабӣ нигаронда шуда буд. *Р. Маҷидов.*

БОБО АФЗАЛӢ بابا افضل ниг. *Афзалуддини Кошонӣ.*

БОБО ДОВУД بابا داود Ҳаким Кашмирии Сухраварди (с. тав. номаълум—ваф. 1585, Исломобод), шоир ва адиби мутасаввифи форсизабони Хиндустон, ки дар шеър Хокӣ таҳаллус мекард. Б. Д. дар назму насри форсӣ чанд асаре мерос гузоштааст, ки манзумаи «Вард-ул-муридин» ва шарҳи он бо номи «Дастурус-соликин», қасидаи «Ҷалолия», рисолаҳои «Олия» ва «Гуслия» аз он ҷумлаанд. *У. Яҳьоев.*

БОБО КӮҲӢ بابا کوهی Абуабдуллоҳ Алӣ ибни Муҳаммади Шерозӣ (933—1050, Шероз), шоири форс-тоҷик, ки бо лақаби Ибни Бокӯя низ машҳур аст. Б. К. баъди дар назди Абуабдуллоҳ ибни Ҳафиф (ваф. 982) илмҳои гуногуни замон ва асосҳои тасаввуфро омӯхтан ба сафар баромада, дар Нишопур бо шайх Абӯабдурраҳмони Суламӣ (ваф. 1021), Имом Кушайрӣ (ваф. 1071) ва Абӯсаиди Абулхайр (ваф. 1049) мулоқот кард. Баъди ин ба тасаввуф бештар машғул гардид ва аз сарварони ин тоифа шуд. Баъди вафоти Суламӣ сардори онҳо гардида, ниҳоят аз Нишопур ба Шероз баргашта, то охири умр дар савмаае гӯшанишинӣ кард. Б. К. девоне аз худ боқӣ гузоштааст, ки аввалин бор тақрибан тамоми истилоҳоти суфия дар ғазалу рубоӣ ба кор бурда шудааст. Ӯ муаллифи китобҳои ахлоқии «Ахбор-ул-орифин», «Ахбор-ул-гофилин» ва рисолаи арабии «Бидояту ҳол-ил-Ҳаллоҷ» (онд ба шарҳи ҳоли Мансури Ҳаллоҷ) мебошад. Ҳадису ҳикоёти зиёдеро аз ёд медонистааст ва мувофиқи ривоятҳо Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф. 1088) аз забони ӯ 300 ҳазор ҳадис навишта гирифта будааст.

Ас.: دیوان باباکوهی، شیراز، ۱۳۴۷ ه. ش. *А. Афсаҳзод.*

БОБО САВДОӢ بابا سودائی ниг. *Савдоии Абевардӣ.*

БОБО ТОҲИРИ УРЬЕН بابا طاهر عریان (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири мутасаввифи форс-тоҷик. Дар ҳудуди а-ҳои 10—11 дар Ҳамадон умр ба сар бурдааст ва қабраш дар ҳамон ҷост. Б. Т. У. дар адабиёт асосан тавассути дубайтиҳояш шӯҳрат ёфтааст, ки миқдори он дар девони шоир 354-то аст. Бештари дубайтиҳои Б. Т. У. ба лаҳҷаи маҳаллӣ, ки шояд яке аз лаҳҷаҳои атрофи Ҳамадон бошад, иншо шудаанд. Аксари дубайтиҳояш ишқии ирфонианд, вале азбаски аз ҷиҳати соддагӣ ва тарзи баён ба фольклор хеле наздиканд, дар байни оммаи мардум шӯҳрати зиёде пайдо кардаанд. Дар девони чопии шоир (Теҳрон, 1333 ҳ. ш.) ба ғайр аз дубайтиҳо 4 ғазал ҳам мавҷуд аст. Аз Б. Т. У. як маҷмӯаи суханони пурҳикмати араби бо унвони «Калимоти қасорӣ» ҳам мерос мондааст, ки чанд тан шарҳу тафсири арабию форсӣ ба он навиштаанд (аз ҷумла Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва Султоналии Гунободӣ). *Н. Каромат-уллоева.*

БОБО ФИГОНӢ بابا فغانی (с. тав. номаълум, Шероз — 1519, Хуросон), шоири форс-тоҷик. Дар оғози шоирӣ бо тахаллуси Саккокӣ ғазал мегуфт ва баъзан ба касби кордгарӣ машғул буд. Дар Шероз рохи майхорагӣ ва риндиро интихоб кард. Баъдтар ба Ҳирот омад ва бо Абдурраҳмони Ҷомӣ мулоқот карда, аз он ҷо ба Озарбойҷон рафт ва ба дарбори султон Яъқуб (1479—90) наздик шуд. Вақте ки Табрезро ошуфтагӣ ва бесомонӣ фаро гирифт, Б. Ф. аввал ба Шероз ва баъд ба Хуросон кӯчид ва то охири умр дар ин ҷо монд. Б. Ф. шоири шӯрида ва дардманде буд. Бисьёрии ғазалҳои вай аз нолаҳои ҷонкоҳ ва доду фарьёдҳои дилфишор саршор буда, аз ахволи рӯҳии шоир шаҳодат медиҳанд. Б. Ф.-ро баъзан «Ҳофизи сонӣ» ҳам мегӯянд. Девони шоир бештар аз ғазалиёт, рубоӣ, муқаттаот ва як қисм аз қасида, таркиббанд ва тарҷеъбанд иборат аст. Яке аз ҷиҳатҳои мусбати эҷодиёти Б. Ф. содда ва равон шеър гуфтан ва бисьёр калимаю ибораҳои мавзун ва ширини халқиро моҳирона ба кор бурдан аст.

Ас.: دیوان اشعار بابا فغانی، تهران، ۱۳۴۰ ه.

Ад.: Рипка Ян, История персидской и таджикской литературы, М., 1970. *К. Айнӣ.*

БОБО ҲОҶӢ (тахал., фам. аслиаш Ҳоҷизода; тав. 1.5.1928, деҳаи Похути р-ни Айнӣ), шоири советии тоҷик. Аз оилаи деҳқон. Аз падару модар бармаҳал маҳрум шуда, дар хонаи бачагон тарбия ёфтааст. Аъзои КПСС аз с. 1957. Баъди хатми фак-ти забон ва адабиёти тоҷики Ин-ти педагогии Душанбе (1951) дар идораҳои газетаю журнал, радиою телевизион ва нашриёт кор мекунад. Аввалин шеъраш с. 1949 ба табъ расид. Б. Ҳ. шоири лирик аст, бештари таълифоташ аввал дар саҳифаҳои матбуот ба табъ расидаанд. Ашъори лирикиаш дар маҷм. «Изҳори муҳаббат» (1962) ва «Шукуфаҳои чаман» (1974) гирд омадаанд. Баъзе шеърҳои Б. Ҳ. ба забонҳои халқҳои СССР ва хориҷӣ (англисӣ, чехӣ) тарҷума шудаанд. Ӯ барои бачагон ҳам ашъори зиёд дорад, ки қисме аз онҳо дар маҷм. «Насими баҳорон» (1956), «Раҳмат ба Ватан» (1958), «Бузи айнакдор» (1961), «Гурбаи телосбон» (1971) ба табъ расидаанд. Миқдоре аз тарҷумаи тоҷикии ашъори шоирони рус ва диг. халқҳои советӣ: Н. Некрасов, С. Есенин, Л. Украинка, Абай, А. Сурков, М. Исаковский, С. Михалков, Зулфия ва диг. ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Аз с. 1954 узви ИН СССР. Б. Ҳ. бо Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОГӮЛОВ Эшмурод (тав. 1910 деҳаи Оқчаи Қабодиён), пахтакор, ветерани сохтмони колхозӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1947). Аъзои КПСС аз с. 1940. С-ҳои 1929—33 колхозчии к-зи «Октябробод», 1933—35 сардори бригадаи к-зи «Бештемир», 1935—70 колхозчӣ, муовини раис ва раиси к-зи «Меҳнат — Роҳат»-и р-ни Шаҳртуз буд. Б. с. 1947 ҳосили фаровони пах-

та рӯёнд. Аз с. 1970 нафақахӯри шахсӣ. С-ҳои 1940—48 аъзои КМ ПК Тоҷ. Бо 3 ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, медальҳо (аз ҷумла 4 медали тиллои НКХХ СССР) ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОГУ́ЛОВА Ҳаитвоз (тав. 1921, деҳаи Бештемири р-ни Шаҳртуз), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1957). Аъзои КПСС аз с. 1945. С-ҳои 1936—59 колхозчӣ, сардори звено ва бригадаи пахтакории к-зи «Меҳнат—Роҳат»-и р-ни Шаҳртуз буд. Аз с. 1959 нафақахӯри шахсӣ. Бригадаи Б. с-ҳои 1946—47 ҳосили баланди пахтаи маҳиннах рӯёнд. Бо 2 ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо (аз ҷумла медали тилло ва биринҷии НКХХ СССР) мукофотонида шудааст.

БОБОДАРХО́Н, деҳа дар С. қ. Понғози р-ни Ашти вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Энгельс. Аз Б. то маркази С. қ. 3 км ва то район 12 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1576 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббӣ, таваллудхона, шӯъбаи алоқа, чойхона, магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Понғоз обьёрӣ мешаванд.

БОБО́ЕВ Абдунаим (тав. 1. 8. 1936, к-зи ба номи Фрунзеи р-ни Хуҷанд), олими советӣ дар соҳаи гигиена, доктори илмҳои тиб (1976). Пас аз хатми фак-ти муолиҷавии Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (1958) дар Ин-ти тадқиқоти илмии эпидемиология ва гигиенаи Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. кор мекунад. Аз с. 1968 мудири лабораторияи гигиенаи меҳнатии ҳамин ин-т. С. 1975 дар мавзӯи «Гигиенаи меҳнат дар сохтмони ГЭС-ҳои пуриқтидор дар шароити иқлими субтропикӣ» дисс. докторӣ ҳимоя намуд. Оид ба масъалаҳои гигиена ва физиологияи меҳнати шахсоне, ки дар шароити иқлими гарм кор мекунанд, зиёда аз 90 мақолаҳои илмии Б. чоп шудаанд. Б. бори аввал қонуниятҳои асосии назариявии гигиена ва физиологияи меҳнати коргарони сохтмонро ҳангоми кор дар шароитҳои экстремалӣ муайян кардааст; оид ба беҳтар намудани шароити меҳнати

буньёдкунандагони ГЭС-ҳои пуриқтидор, аз ҷумла ГЭС-и Норак, тавсияномаҳо тартиб дод; қонуниятҳои ба шароити иқлими субтропикӣ мутобиқ шудани организми одамро муайян намуд.

Б. аъзои Ҷамъияти ихтиёрии муҳофизати ёдгориҳои таърихӣ ва маданиии Тоҷикистон. Б. бо нишони «Аълочии нигаҳдории тандурустӣ» мукофотонида шудааст.

БОБО́ЕВ Анвар (тав. 14. 8. 1914, деҳаи Чорчироғи Ғарм), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1951), иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). С-ҳои 1934—43 колхозчии к-зи «Тоҷикистони Сурх», 1946—72 сардори бригадаи пахтакории к-зи ба номи Дзержинский ва аз с. 1972 сардори бригадаи пахтакории с-зи ба номи Дзержинский р-ни Ҳисор. Бригадаи Б. с-ҳои 1949—50 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаи Фахрии НКХХ СССР мукофотонида шудааст.

БОБО́ЕВ Маҳмадалӣ (тав. 1893, деҳаи Тошгузари Регар), пахтакор, ветерани ҳаракати сохти колхозӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Б. чорьяккор, чӯпон (1914—25), иштирокчии фаъоли муборизаи зидди ҳаракати босмачиӣ, аъзои Иттифоқи «Қӯшчӣ» буд. С-ҳои 1930—33 колхозчии к-зи ба номи Тельман, 1934—67 сардори звено ва бригадаи пахтакории к-зи «Коммунизм»-и р-ни Регар ва аз с. 1961 нафақахӯри шахсӣ. Бригадаи Б. с. 1947 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Бо ордени Ленин ва ордени Ситораи Сурх мукофотонида шудааст.

БОБО́ЕВ Мирзо (тав. 5. 7. 1926, ш. Кӯлоб), ходими партияви ва давлатии советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1971). Аъзои КПСС аз с. 1951. Аз оилаи деҳқони камбағал. С-ҳои 1944—50 дар сафҳои Армияи Советӣ хизмат кард. С-ҳои 1950—52 инспектори намояндагии Вазорати маҳсулоттайёркунии СССР дар вил. Кӯлоб, 1952—53 ҷонишини намоянда ва намояндаи Вазорати маҳсулоттайёркунии СССР

дар р-нҳои Данғара ва Ховалинг. С-ҳои 1953—54 сардори Управлениях. х. қ. ва маҳсулоттайёркунии Комиҷрояи р-ни Ховалинг, 1954—55 намояндаи Вазорати маҳсулоттайёркунии СССР дар р-ни Ховалинг, 1955—56 раиси Комиҷрояи р-ни Ховалинг. С-ҳои 1956—57 мудири шӯъбаи ташкилии Комитети партиявии р-ни Совет, 1957—58 ҷонишини раиси Комиҷрояи р-ни Совет, 1958—62 дар Мактаби олии партиявии ш. Тошкент таҳсил карда, баъди хатми он с-ҳои 1962—63 директори с-зи чорводории «Мӯъминобод»-и р-ни Кӯлоб шуд. С-ҳои 1963- 64 раиси комиҷрояи, 1964—65 котиби комитети партиявии Управлениях истеҳсолии колхозию совхозӣ, 1965—73 котиби якуми Комитети партиявии р-ни Восеъ шуда кор кард. Аз 20 марти 1973 котиби КМ ПК Тоҷикистон. С. 1966 дар Съезди 16-уми ПК Тоҷикистон аъзои КМ интихоб гардид. Аъзои Бюрои КМ ПК Тоҷикистон. Депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон (даъватҳои 7—9). Вакили Съезди 24 КПСС (1971). Бо ордени Ленин, орденҳои Революцияи Октябрь, Байраки Сурхи Меҳнат, 2 медаль ва 2 Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

БОБО́ЕВ Оғочон Гелдиевич (тав. 10. 5. 1929, Марв), географи советӣ, акад. АФ РСС Туркм. (1975), аъзокорр. АФ СССР (1976), президенти АФ РСС Туркм. (аз 1975), доктори илмҳои география (1968), проф. (1969). Аъзои КПСС аз с. 1954. Фак-ти географияи Ин-ти педагогии Ашқободро хатм намуд (1949). Муаллими кафедраи географияи Ин-ти давлатии Туркманистон (1950—52), мудири кафедраи географияи Ин-ти давлатии Туркманистон (1952—56), доценти кафедраи география (1956—60) ва директори Ин-ти биёбонгиносии ордени Байраки Сурхи Меҳнатдори АФ РСС Туркм. (1960—75). Сармуҳаррири журнали «Проблемы освоения пустынь» (аз 1968), раиси Совети республикавии Ҷамъияти географҳои РСС Туркм. (аз 1959) ва Правлениях ҷамъияти «Дониш»-и РСС Туркм. (аз 1971). Иштирокчии Конгресси байналхалқӣ оид ба омӯзиш ва азхудкунии биёбон (ШМА, 1969). Муаллифи зиёда аз 100 асари илмӣ. Тадқиқоти асосиашро ба масъалаҳои назарияви ва эмалии истифодаи биёбонҳои СССР, ба ноҳияҳои табиӣ тақсим кардани терр. РСС Туркм. бахшидааст. Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медали ба номи Вавилов мукофотонида шудааст.

Ас.: Подвижные пески ТССР и борьба с ними. Ашхабад, 1957; Пустыня Кара-Кум. Ашхабад, 1963; Туркменистан (из серии «Советский Союз»), М., 1969; Оазисные пески Туркменистана и пути их освоения. Ашхабад, 1973.

БОБОЕВ Холиқ (1876, деҳаи Дараи Ҳабаши собиқ р-ни Мӯминобод, ҳозира р-ни Ленинград — 1969, ҳамон ҷо), ширинкор ва масхарабози тоҷик. Ин ҳунарро аз масхарабози касбӣ Набии даштиҷумӣ ёд гирифта, дар 19—20 солагиаш ҳамчун масхарабоз шӯҳрат ёфтааст. Б. драмаҳои халқии «Хирсбозӣ», «Бофандагӣ», «Раис», «Осиёб», «Чувоз», «Бобопирак» ва ғ.-ро дар тӯю маъракаҳои халқӣ иҷро мекард ва нуқсонҳои зиндагиро ҳаҷв менамуд. Ӯ истеъдоди шоирӣ ҳам дошт ва шеърро бадоҳатан месуруд.

Н. Нурчонов.

БОБОЕВ Юрий Иванович (тав. 2. 11. 1917, Самарқанд), адабиётшиноси советии тоҷик. Аъзочии маорифи халқ (1954), Муаллими Хизматнишондодаи Мактаби РСС Тоҷ. (1977). Аз оилаи косиб. Аъзои КПСС аз с. 1948. Ун-ти Самарқандро хатм кардааст (1945). Аввал дар матбуот, баъд дар муассисаҳои илмӣ кор кардааст. Аз с. 1947 муаллими Ин-ти педагогии Душанбе. Дар масъалаҳои гуногуни адабиёти тоҷик як силсила асарҳо дорад. Аз таълифоти илмии Б. китобҳои «Мирзо Турсунзода» (1961), «Партия, замон ва адабиёт» (маҷм. мақолаҳо, 1964), «Садриддин Айнӣ» (1968), «Сипаҳсолори назм» (1971) ба табъ расидаанд. Б. дар таълиф ва тартиб додани китобҳои дарсии мактабҳои олӣ («Мукаддимаи адабиётшиноси») ва миёна («Адабиёти советӣ» барои синфи 10-ум, ҳамроҳи Н. Маъсуми ва Х. Мирзозода, «Адабиёти рус», барои синфи 8-уми мактабҳои тоҷикӣ, ҳамроҳи Н. Содикова) низ иштирок дорад. Аз с. 1954 узви ИН СССР. Бо ду медаль ва Грамотаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОЕВА Турди (тав. 1918, деҳаи Янгикишлоқи С. к. Гулхании р-ни Пролетар), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). С-ҳои 1935—57 колхозчӣ ва сардори звенои пахтакории к-зи «Москва» и р-ни Пролетар буд. Звенои Б. солҳои 1946—48 ҳосили баланди пахта рӯёнд. Бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва чандин медалҳо мукофотонида шудааст.

БОБОЙ ВАЛӢ, деҳа, маркази С. к. Қалъаи Дашт, р-ни Файзободи РСС Тоҷ. Маркази с-зи «Қалъаи Дашт-1». Аз Б. В. то район 22 км; роҳ асфальт. Аҳол. 538 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, клуби наздимактабӣ, шӯъбаи алоқа дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, обчакорӣ, боғдорӣ. Заминҳо аз д. Элак обёрӣ мешаванд.

БОБОЙ ОБ, қулла, нуқтаи баланд-тарини қаторкӯҳи Қурама. Баландиаш 3768 м.

БОБОЙ ҚОНУНӢ بابای قانونی (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳофиз, бастакор, машшоқи тоҷики а-ҳои 16—17. Дар Ӯротеппа таваллуд шудааст. Сараввал санъати мусиқиро аз амакаш омӯхт. Сипас ба Самарқанд рафта, дар назди Хоҷа Ҷаъфари Қонунии Самарқандӣ нозукиҳои илми мусиқиро аз худ намуд. Б. Қ. муддате дар дарбори Валимуҳаммади Аштархонӣ хизмат карда, асари калонеро дар асоси зарби «Нимсақили савтуламал» тасниф карда, ба ӯ бахшид. Вай инчунин, ба ҳавои мақомҳои «Дугоҳ», «Сегоҳ», «Ушшоқ» ва «Ироқ» асарҳои зиёдеро тасниф намудааст.

БОБОКАЛОНОВ Пӯлод (1899, Хуҷанд — 1957, Ленинобод), пахтакор, пиштирокчии ҳаракати коллективонӣ ва сохтмони колхозӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1947), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1947). Аъзои КПСС аз с. 1929. С-ҳои 1916—26 чорьяккор, 1927—28 мироб, 1929—30 раиси Иттифоқи камбағалон, 1931—33 раиси к-зи «Коминтерн»-и р-ни Хуҷанд, 1934—37 ҷонишини раиси КИМ РСС Тоҷ., 1938—40 сардори хоҷагии оби вил. Ленинобод, Комиссари халқии зироати РСС Тоҷ., 1941—52 раиси к-зи Сталин (ҳоло «40-солагии Октябрь»)-и р-ни Хуҷанд, 1953—54 ҷонишини раиси к-зи ба номи Ленини р-ни Кӯктош (ҳоло р-ни Ленин), 1954—57 директори с-зи растанипарвариҳои р-ни Хуҷанд буд. Б. ташкилкунандаи 12 к-зи р-ни Хуҷанд буда, дар кушодани заминҳои водии Вахш ҳиссаи арзанда гузоштааст. К-зи «Коминтерн», ки Б. раиси он буд, с-ҳои 1932—33 дар Тоҷикистон аввалин шуда 153,5 пуд (25 ц/га) ҳосили пахта ғундошта, планро 125,8% иҷро карда буд. Б. вакили съезди колхозчиён (1935). Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1 ва 2). Бо 3 ордени Ленин, 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», чанд медаль ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

БОБОКАЛОНОВ Шариф (тав. 1910, Самарқанд), бастакор, дирижёр ва машшоқи советии тоҷик. Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. (1961). Аъзои КПСС аз с. 1943. Аз оилаи деҳқон. С. 1930 ба синфи дутор ва чанги мактаби мусиқии Самарқанд дохил шуд ва баробари таҳсил то с. 1934 чун чангнавоз дар театри шаҳри кор кард. С. 1934 ба Душанбе омада, то 1939 дар Театри академии драмавии ба номи Лоҳутӣ чун машшоқ кор кардааст. Аз с. 1939 чангнавоз ва аз с. 1941 дирижёри дуюми оркестри асбобҳои халқӣ дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон. С-ҳои 1946—49 дар синфи бастакории шӯъбаи миллии Консерваторияи давлатии Москва хондааст. С-ҳои 1949—58 дирижёр ва машшоқи оркестри асбобҳои халқӣ, 1958—70 роҳбари бадеии ансамбли рубобчизанони Филармонияи давлатии Тоҷикистон. «Марши ғалаба» барои оркестри асбобҳои халқӣ (1940) асари аввалини Б. аст. С. 1941 якҷоя бо С. А. Баласанян операи «Коваи оҳангар»-ро навишт, ки он ҳамон сол дар Даҳаи санъати тоҷик дар Москва намоиш дода шуд. Б. асосан сурудҳо, маршҳо ва сюитаҳои рақсӣ офаридааст. Сурудҳои «Ба ҷанг!» (М. Турсунзода, 1942), «Шамшери бурро» (М. Аминзода, 1943), «Ҳусни ту» (Ҳабиб Юсуфӣ, 1945), сурудҳо барои хор: «Халқи мо» (С. Искандаров, 1961), «Дар кишвари мо» (Бобо Ҳоҷӣ, 1962) ва ғ. маҳсули эҷодиёти Б. мебошанд. Сюитаи рақсии «Ҷавонӣ» (1970) бори аввал дар ҷашни 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин дар Қасри кремлии съездҳо аз тарафи ансамбли рубобчизанон иҷро карда шуд. Аз с. 1970 нафақахӯр. Б. бо 3 ордени «Нишони Фахрӣ», чанд медаль ва Грамотаҳои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

БОБОПИРАК (Clematis orientalis), растании бисьёрсолаи печактана, мансуби *чакамугиҳо*. Дар Мугулистон, Хитой, Осиёи Хурд, Эрон ва Афғонистон, дар СССР (Қрим, Кавказ ва Осиёи Миёна) паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. қариб дар ҳама ҷо то баландии 2800 м аз с. б. мерӯяд. Дарозии печактанааш 4—12 м, баргҳояш сабзи хокистарранг, байзашакли нуқтез, се ё панҷпарра, 4 барги назди гулии зардчатоб ва хушгулии ҷорубаки дошта, косабарг ва гултоҷ надорад. Меваяш бисьёртухма аст. Онро чун растании ороиши парвариш мекунанд. Б. дар шароити Тоҷикистон дар нимаи дуюми моҳи март барг мебарорад, авг.-окт. шукуфта тухм мебандад. Мавсими хуби кишти Б. баҳор ё тирамоҳ аст.

Ад.: Деревья и кустарники СССР, т. 3, М.-Л., 1956; Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975.

И. Муъминов.

Бобопирак: 1 — шохчаи гулдор; 2 — шохчаи мевадор.

БОБОРЫКИН Владимир Михайлович (тав. 15. 6. 1922, деҳаи Левковои р-ни Уваровскии вил. Москва), рассоми советии тоҷик, Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. (1967). Аъзои КПСС аз с. 1960. Аъзои правлениии ИР Тоҷикистон (аз 1967).

Боборыкин В. М. «Шуғнонидухтар», (1970).

С. 1941 ихтиёрӣ ба фронт рафта, баъди хизмат ба Ин-ти рассомии ба номи И. Е. Репин дохил мешавад. Пас аз хатми ин-т с. 1954 ба Душанбе омаца ва то ҳол муаллими Омӯзишгоҳи рассомии пойтахт мебошад. Б. аввал дар санъати портрет истеъдоди худро сайқал додааст. Нахустин асарҳои портретии ӯ «Рехтагар Фозилов», «Сарҳадчӣ», «Духтари рӯшонӣ» ва ғ. зинати бисьёр намоишгоҳҳо гаштанд. Асарҳои ӯ «Мактаби маҳви бесаводӣ» (1957), «Андовачиён» (1961), «Ғаллакорони Помир» (1963), «Чӯпонҳои Сағирдашт» (1967), «Шуғнонидухтар» (1970), «Қутоспарварон» (1972), «Галабонҳо» (1974) ва ғ. меҳнати мардуми буньёдкор ва манзараҳои диёри кӯҳсорро таҷассум намуда, дар намоишҳои республикавӣ, умумииттифоқӣ ва байналхалқӣ баҳои баланд гирифтаанд. Б. бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОБОСАФО́Л, деҳа дар С. қ. Гулшан, р-ни Фархори вил. Кӯлоб. Терр. с-зи «50-солагии Комсомоли Тоҷикистон». Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то район 14 км, роҳ асфальт. Аҳол. 461 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обьёрӣ мешаванд.

БОБОСАФО́ЛИ ПОЕ́Н, деҳа дар С. қ. Деҳқонариқ, р-ни Фархори вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Коммунизм». Аз Б. П. то маркази С. қ. 9 км, то район 27 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1507 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббӣ, нуқтаҳои хизмати маишӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо ба воситаи каналу насосҳо аз д. Панҷ обьёрӣ мешаванд.

БОБОСОДИҚО́ВА Гулчаҳон Бобоевна (тав. 8. 11. 1937, Уротеппа), ходими партиявию советӣ. Аъзои КПСС аз с. 1960. Аз оилаи хизматчӣ. С. 1959 фак-ти физикаю математикаи Ун-ти давлатии Тоҷикистонро хатм намуд. С-ҳои 1959—60 ассистенти кафедраи анализи математикии Ун-ти давлатии Тоҷикистон. С. 1961 аввал котиби якуми Комитети комсомоли ш. Душанбе, баъд котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон. С-ҳои 1961—71 котиби якуми КМ ЛКСМ республика, 1970—73 таҳсили ғоибона дар Мактаби олии партиявии Тошкент, 1971—72 ҷонишини мудири шӯъбаи корҳои ташкилию партиявии КМ ПК Тоҷ., 1972—75 котиби якуми Комитети партиявии р-ни Марказии ш. Душанбе, аз с. 1975 котиби якуми Комитети партиявии ш. Душанбе, 1958—72 аъзои КМ ЛКСМ Тоҷикистон, аз с. 1961 аъзои КМ ПК республика, 1962 аъзои КМ ВЛКСМ, 1961 номзад ба аъзои ва аз 1976 аъзои Бюрои КМ ПК Тоҷ. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7—9) ва депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 9). Дар ҳайати вакилони ВЛКСМ ба РДГ, Финляндия, Мали, Булғория, Швеция, Югославия ва ШМА сафар кардааст. Бо 3 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, медаль ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОСУРХО́Н, деҳа, маркази С. қ. Алмосӣ ва с-зи «Роҳи Ленин», р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Аз Б. то роҳи Душанбе — Ҳисор 21 км, то маркази район 25 км. Аҳол. 580 наф. (1976), тоҷикон. Б. клуб, мактаби 8-сола, китобхона, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, магазин, пункти акушерӣ, ошхона, нонвойхона, чойхона ва магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ ва боғдорӣ. Сокинони деҳа аз оби чашмаҳо истифода мебаранд.

БОБОТАҒО́, деҳа дар С. қ. Гули Сурхи р-ни Уротеппа, вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Роҳи Ленин». Аз Б. то маркази С. қ. 3 км, то шаҳр 5 км, роҳ асфальт. Аҳол. 993 наф. (1976), тоҷикон. Б. дорои мактаби миёна, пункти тиббӣ, магазин, сартарошхона мебошад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан боғу токдорӣ. Заминҳо аз обанбори Каттасой обьёрӣ мешаванд.

БОБОТО́Ғ, қаторкӯҳ дар байни д-ҳои Кофарниҳон ва Сурхон (сарҳади РСС Тоҷ. ва РСС Ӯзб.). Аз Шим. ба Ҷ., аз водии Ҳисор то соҳили д. Аму ба 125 км тӯл кашидааст. Нуқтаи баландтаринаш 2292 м (қуллаи Заркоса). Нишебаи шарқии Б. росту камбар, оиро сойҳои чуқури хушк бурида мегузаранд, ғарбиаш ҳамвортару васеъ, то ба водии д. Сурхон мерасад. Асосан аз оҳаксанг, гил, алевролит, регсанги давраҳои юра, табошир ва палеоген таркиб ёфтааст. Иқлими Б. хушки субтропикӣ. Ҳарор. миёнаи солона дар доманаҳои кӯҳ 16° С, дар болотараш 14° С. Боришоти солона 220—260 мм. Дар сойҳои Файзоба, Хоҷагулсум ва Арғамчин зимистону баҳор об ҷорӣ шуда, тобистон (ғайр аз баъзе чашмаҳои шӯр) хушк мешавад. Дар нишебаҳои Б. (500—850 м) растаниҳои биёбонӣ ва нимбиёбонӣ — ҷорӯбак, қиёқ, шибоғ; дар баландии 1300—1900 м писта, бодом, гиёҳҳои хушадор ва ғ. меруянд. Ҳамвориҳои фароҳи нишебаҳо барои ламмикорӣ истифода мешаванд. Б. ноҳияи хуби чарогоҳист.

БОБОТО́Ғ, деҳа дар С. қ. Якуми Май, р-ни Регари РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Ленин. Масофа аз Б. то маркази С. қ. 8 км, то район 12 км, роҳ асфальт. Аҳол. 337 наф. (1976), ӯзбекҳо ва тоҷикон. Б. дорои мактаби ибтидоӣ, магазин, пункти тиббӣ мебошад. Соҳаи асосии хоҷагиаш — пахтакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обьёрӣ мешаванд.

БОБОХО́НОВ Зиёвуддинхон (тав. 1908, Тошкент) муфтӣ, раиси Иттиҳодияи динии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон. Аввал дар назди падараш Бобохон Абдумаҷидхон, баъд дар мадрасаҳои Бароқхон ва Кӯкалтош (Тошкент, 1923—31) тафсир ҳадис ва адабиёти арабро омӯхтааст. С. 1947 диплому Ун-ти Ал-Азҳари Қоҳираро гирифт. Котиби комитети ташкилии Иттиҳодияи

динии мусулмонии Осиёи Миёна ва Қазоқистон (1941—43), чонишини раис (1943—57) ва аз 1957 раиси он. Б. раиси Ташкилоти робитаҳои байналхалқии мусулмонони СССР, аъзои президиуми Комитети советии муҳофизати сулҳ ва Комитети яклилии Осиё ва Африка. Б. барои хизматҳояш дар муҳофизати сулҳ бо орденҳои «Дӯстии халқҳо» (1978), «Нишони Фахри» (1968), ордени олии Марокаш (1966) ва ордени Урдун (1969) мукофотонида шудааст.

БОБОХОНОВ Левӣ, маъруф ба Левича (1873, Бухоро — 1926, Самарқанд), мутриб, танбӯрӣ ва ғижжакии машҳур. Санъати мутрибиро аз ҳофизон ва машшоқони номӣ Борухи Калхотии Самарқандӣ (Калхоқ), Ота Ҷалоли Бухорӣ ва Ҳоҷихони Чорчӯӣ омӯхтааст. Овози ӯ (тенори лирикӣ) диапазони васеъ дошт. Хеле форам ичро кардани наҳшҳои гуногунранги оҳанг ба услуби сурудхонии ӯ хос буд. С. 1901 намояндагони ҷамъияти «Рита граммофон» овози ӯро ба граммпластинка сабт карданд, ки дар байни онҳо «Ғалшкарчаи Сарвиноз», «Мугулчаи Бузург», «Талқини Ушшоқ», «Наҳри Ушшоқ», «Талқини Уззол» ва «Уфари Мугулчаи Сегоҳ» буданд. Б. соҳои 20-ум дар мактаби мусиқии Бухоро дарс медиҳад. Худаш бо концертҳо баромад мекунад. С. 1923 ба Самарқанд мекӯчад. Дар клубҳо ва чойхонаҳо концертҳо дода, дар маҳфилҳои мусиқи ба чавонон «Шашмақом»-ро ед медиҳад. *З. Точиқова*



БОБОХОНОВ Мансур (тав. 28. 8. 1931, Конибодом), муаррих, доктори илми таърих (1974), проф. (1977). Аз оилаи коргар. Аъзои КПСС аз с. 1955. С-ҳои 1948—53 дар фак-ти таъриху филологияи Ин-ти давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, 1953—56 дар аспирантура таҳсил кард. С-ҳои 1956—58 ассистенти кафедраи таърихи СССР-и Ин-ти давлатии Тоҷикистон. С-ҳои 1958—62 муаллими кафедраи таърихи СССР, 19[illegible] мудири кафедраи таърихи СССР-и УДТ. Аз с. 1[illegible] декани фак-ти таърихи ин-т.



Ас.: Бедории сиёсии омма дар арафаи Октябрь, Д., 1966; Вазъияти ичтимоию иқтисодии Тоҷикистони Шимолӣ дар арафаи Октябрь, Д., 1970; Поезди агитатсионии «Красный Восток»—ҷосиди Ленин, Д., 1971; Заминаҳои иттифоқи революционии меҳнакашони кишвари Туркистон бо пролетариати Россия, Д., 1975.

БОБОХОҶАЕВ Ислом Ёқубович (тав. 25. 8. 1915, Хуҷанд, Ленинободи ҳозира), доктори илмҳои тиб (1972), проф. (1977), яке аз аввалин ташкилотчиёни нигаҳдории тандурустӣ дар РСС Тоҷ. Духтури Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1945). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Аъзои КПСС аз с. 1943. С. 1937 Ин-ти тиббии Тошкентро хатм карда то с. 1943 дар хизмати ҳарбии тиббӣ буд. С-ҳои 1943—47 сардори шӯъбаи нигаҳдории тандурустии вил. Ленинобод, 1947—53 ҷонишини вазир, вазири нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ., 1958—61 сардухтури беморхонаи клиникии республикавӣ. С-ҳои 1961—72 дар Ин-ти умумиттифоқии тадқиқоти илмии гигиенаи ичтимоӣ ва ташкили нигаҳдории тандурустӣ ба номи Семашко (Москва) кор кард. Муаллифи зиёда аз 30 асари илмӣ оид ба ташкил ва такмили фаъолияти муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ аст. Б. депутати Советҳои Олии РСС Тоҷ. (даъвати 2). Бо ордени «Нишони Фахрӣ», ордени Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Грамотаҳои Президиуми Советҳои Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОХОҶАЕВ Муҳаммад Хоҷаевич (тав. 19. 11. 1924, Хуҷанд, Ленинободи ҳозира), терапевти советӣ, доктори илмҳои тиб (1964), проф. (1965), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1969). Аъзои КПСС аз с. 1945. С-ҳои 1942—46 дар хизмати ҳарбӣ буда, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст. Баъди хатми Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (1951) дар ҳамин ин-т ассистент ва доцент шуда кор мекунад. Аз с. 1964 мудири кафедраи муттаҳидаи терапияи факультетиҳои госпиталии факти педиатрӣ, аз с. 1975 мудири кафедраи госпиталии № 1 фак-ти муолиҷавӣ, сартерапевт ва саргематологи Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. (аз 1964). Муаллифи беш аз 100 асарҳои илмӣ. Тадқиқотҳои Б. асосан ба масъалаҳои кардиология, гематология, курортология ва энзимология бахшида шудаанд. Бо ташаббуси Б. маркази гематологии республикавӣ дар ш. Душанбе ва шӯъбаҳои кардиоревматологӣ дар ҳамаи районҳои республика таъсис ёфтанд. Б. аъзои правлениями Ҷамъияти умумиттифоқии терапевтҳо, кардиологҳо, гематологҳо, нефрологҳо, аъзои президиуми Ҷамъияти терапевтҳои Тоҷикистон, раиси правлениями Ҷамъияти терапевтҳои республика. Б. бо медалҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Здоровое сердце и высокогорье, Д., 1975; Касалиҳои дилу рагҳо ва пешгирии онҳо, Д., 1977.

БОБОХОҶАЕВ Суннат Мадалиевич (тав. 25. 5. 1929, деҳаи Пӯлодони р-ни Конибодом), геологи советӣ, доктори илмҳои геология ва минералогия (1974). Мудири шӯъбаи петрологияи Ин-ти геологияи АФ РСС Тоҷ. Аъзои КПСС аз с. 1964. Б. с. 1950 Ин-ти давлатии Осиёи Миёна (САГУ)-ро дар Тошкент хатм намуд. Ӯ мутахассиси соҳаи петрография ва геохимияи ҷинсҳои магмавист. С-ҳои 1950—56 пайдоиш ва металлогенияи ҷинсҳои магмавии ҳавзаи д-ҳои Такобу Ёсро омӯхта, аз с. 1957 петрологияи ҷинсҳои магмавӣ ва геохимияи Қаромазор (Шим. Тоҷикистон)-ро оид ба элементҳои тилло, нуқра, сурб, рух, қалъагӣ, вольфрам, висмут, фтор ва ғ. тадқиқ мекунад. Ду монография ва қариб 60 мақолаи илмӣ навишта, харитаи ҷойгиршавии конҳои маъдани Қаромазори Шарқиро тартиб дод. Бо ордени «Нишони Фахри» мукофотонида шудааст (1971).

Ас.: Петрология и особенности геохимической специализации интрузивных комплексов Восточного Карамазара (Северный Таджикистан), Д., 1975; Граниты шайданского типа, Д., 1976.

БОБОШОҲИ ИСФАҲОНӢ بابا شاه اصفهانی (с. тав. номаълум — ваф. 1585, БаҒдод), хаттоти а. 16. Устоди маъруфи настаълиқнавис. Б. И. аз сиҳни ҳаштсолагӣ дар назди хаттоти номӣ Миралӣ машқ кардааст. Б. И. бо тахаллуси «Ҳолӣ» шеър ҳам навишта, манзумаи «Одоб-ул-машқ»-ро ба одоби хушнависӣ бахшидааст. Як нусхаи «Силсилат-уз-заҳаб» (с. китобат 1564) ва «Тӯҳфат-ул-Аҳрор»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (с. китобат 1571), нусхаи «Насоеҳ-ул-мулук» (с. китобат 1570), «Ҳамса»-и Низомӣ, ки дар ҳошияаш «Ҳамса»-и Хусрави Деҳлавӣ ҷой дода шудааст (с. китобат 1583), «Калимоти набаи» (с. китобат 1568) ба қалами Б. И. тааллуқ доранд. *М. Муллоаҳмадов.*

БОБОЙ, навъи зардолуи дерпазак. Асосан дар районҳои вил. Ленинобод (хусусан Хуҷанд, Айни, Мастчоҳ, Нов, Пролетар) паҳн шудааст. Хел-

ҳои Б.-и сафед, сурх, қандак машҳур аст. Дарахташ тезсабз ва дарозумр аст. Соли 3—4-ум мева медиҳад ва то 120 сол умр мебинад. Охири март гул карда, мевааш аввали июль меназад. Мевааш хурди байзашакл (9—10 г), сафед, зарди норанҷӣ, баъзан сурхтоб, 13,4—14,6% қанд, 0,4—0,6% туршӣ ва 19,3—24% моддаи хушк дорад. Донакаш хурд (қариб 1 г), мағзаш ширин. Аз 100 кг меваи тари Б. 36 кг қоқ ҳосил мешавад. Меваи тару тоза ва хушкондаи Б. хуштамъу сергизо, барои хӯрдан ва тайёр кардани зардолуоб, повидло, мармалод ва ғ. истифода мебаранд.

Ад.: Пулатов А., Клименко К. Я., Абрикосы Северного Таджикистана, Сталинабад, 1961; Пулатов А., Таджикский абрикос, Д., 1976.

А. Пулодов.

БОБОҚУЛОВ Аҳмад (тав. 17. 1. 1931, Душанбе), артисти советии тоҷик. Арт. Халқии СССР (1971), проф. (1977). Писари Ҳофизи Халқии РСС Тоҷ., устоди «Шашмақом», лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ Бобоқул *Файзуллоев*. Б. баъди хатми мактаби миёна с. 1949 ба Консерватория Москва дохил шуда, шӯъбаи вокалӣ (1954) ва 1962 аспирантураи назди Консерватория Москваро (назди доцент В. Карин) хатм кардааст. Овозаш тенори драмавӣ. С-ҳои 1954—56 ва 1966 солисти Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, 1956—66 солисти Филармонияи давлатии Тоҷикистон. Аз с. 1967 доцент ва мудири кафедраи вокалии фак-ти санъати Ин-ти педагогии Душанбе (аз 1973 — Ин-ти санъат). Аз с. 1976 педагоги факультети вокалӣ ва театрии операвии ин-ти мазкур. Б. вакили Съездҳои 16, 17 ва 18 ПК Тоҷ. ва аз с. 1966 сар карда аъзои Комиссияи тафтишоти КМ ПК Тоҷ. Ария ва романсу сурудҳоро саммӣ ва бо ҳиссиёти баланд иҷро мекунад. Б. дар операҳои бастакорони тоҷик, классикии рус, хориҷӣ ва советӣ партияҳои гуногунро иҷро намуда, барои равнақи санъати операвии тоҷик хизмати босазое кардааст. Партияҳои асосиаш: Каварадосси («Тоска»-и Ҷ. Пуччини, 1970), Канио («Масхарабозҳо»-и Р. Леонкавалло, 1967), Синодал («Азозил»-и А. Т. Рубинштейн, 1967), Содиқ («Бозгашт»-и Ё. Сабзанов, 1967), Замон («Домоди помдор»-и С. Урбах, 1969), Хуршед, Мадан («Духтаре аз Душанбе», 1968 ва «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ, 1966), Рӯдакӣ, («Рӯдакӣ»-и Ш. Сайфиддинов, 1976), Водемон («Иоланта»-и П. Чайковский, 1976) ва ғ. Б. ҳамчун иҷрокунандаи асарҳои вокалии бастакорони тоҷику рус ва халқҳои республикаҳои бародар, сурудҳои халқии тоҷикӣ низ машҳур аст. Б. дар сурудҳонӣ қобилияти баланд дорад, овозаш баланду беғубор ва форам аст. Махсусан, сурудҳои «Ушшоқи Самарқанд», «Дугоҳ», «Қашқарчаи Мугулчаи Дугоҳ», «Ироқ», суруди халқии «Ғарибӣ» ва ғ.-ро саммона месарояд. Б. роҳбари бадеии Ансамбли мақомхонони Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ аст. Вай ба ҳофизони ансамбли мақомхонои қисматҳои алоҳидаи мақомҳоро сӯзонида, анъанаҳои устодони «Шашмақом» Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар *Соҳибов* ва Фазлиддин *Шаҳобовро* давом дода, сурудҳои классикиро бо маҳорат иҷро мекунад. Муаллифи китоби «Асарҳои вокалии жанрҳои гуногун барои овози тенор» (Хрестоматия, Душанбе, 1976). Б. ба ш-ҳои Иттиҳоди Советӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ: Афғонистон, Индонезия, Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Канада, Австрия, РФГ сафари ҳунарӣ кардааст. Б. лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ (1966). Бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ф. Зеҳниева.

БОБОҲУСАЙНӢ بابا حسینی гӯшаи мусиқӣ дар таркиби «Дувоздаҳмақом». Б. гӯшаи мақоми «Исфаҳон» ва шӯъбаи «Найрез» буда, дорои зарбу фосилаҳои нарму нафис ва форам мебошад.

А. Раҷабов.

БОБОҶӢН Алӣ, (фам. Бобоҷонов; тав. 10. 2. 1936, Конибодом), шоири советии тоҷик. С. 1959 фак-ти забон ва адабиёти Ин-ти педагогии Душанберо хатм карда, дар идораи газетаву журналҳои республикавӣ чун ходими адабӣ кор мекунад. Аввалин шеъраш («Суруди шодӣ») с. 1955 эҷод шудааст. Ашъораш дар газетаву журнал ва маҷмӯаҳои муштарак чоп шудааст. Б. махсусан дар сурудаи шеърҳои бачагона маҳорат дорад. Чандин шеъраш ба китобҳои дарсии хониш дохил шудаанд. То имрӯз якчанд маҷмӯаю китобчаҳояш: «Бачаҳои хуб» (1963), «Мусича» (1965), «Гули бодом» (1966), «Мавҷи сурур» (1973), «Некӣ ба некӣ» (1975) ва ғ. ба табъ расидаанд. Тарҷумаи ашъори шоири озарбойҷонӣ Т. Муталибов «Чӯчаҳо» (1967) ва чандин шеъри шоирони Вьетнам ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Аз с. 1972 узви ИН СССР.

Н. Абдуллоев.

А. Бобоқулов дар роль-ҳо: аз чап — Содиқ («Бозгашт»-и Ё. Сабзанов, 1967); аз рост—Канио («Масхарабозҳо»-и Р. Леонкавалло, 1967).

БОБОҶОНОВ Абдуллоҷон (тав. 1931, қиш. Ёвон р-ни Хуҷанд), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1974). Аъзои КПСС аз с. 1955. С-ҳои 1946—56 колхозчӣ, ҳисобчӣ ва аз с. 1957 сардори бригадаи пахтакории к-зи «40-солагии Октябрь» и р-ни Хуҷанд буд. Бригадаи Б. с-ҳои 1972—73 ҳосили баланди пахтаи маҳиннах рӯёнд. Бо 2 ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОҶОНОВ Муллорозиқ (1894, деҳаи Ёвон Хуҷанд — 1968, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Аъзои КПСС аз с. 1946. Б. то с. 1927 чорьяккор, 1928—65 колхозчӣ, сардори звено ва бригадаи пахтакорӣ, мудири участкаи к-зи ба номи Сталин (ҳоло «40-солагии Октябрь»)-и р-ни Хуҷанд буд. Аз с. 1960 нафақахӯри шахсӣ. Бригадаи Б. с-ҳои 1946—47 ҳосили

динии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон (1941—43), ҷонишини раис (1943—57) ва аз 1957 раиси он. Б. раиси Ташкилоти робитаҳои байналхалқии мусулмонони СССР, аъзои президиуми Комитети советии муҳофизати сулҳ ва Комитети яклилии Осиё ва Африка. Б. барои хизматҳояш дар муҳофизати сулҳ бо орденҳои «Дӯстии халқҳо» (1978), «Нишони Фахри» (1968), ордени олии Марокаш (1966) ва ордени Урдун (1969) мукофотонида шудааст.

БОБОХО́НОВ Леви, маъруф ба Левича (1873, Бухоро — 1926, Самарқанд), мутриб, танбӯрӣ ва гиҗжакии машҳур. Санъати мутрибиро аз ҳофизон ва машҳуқони номӣ Борухи Калҳотии Самарқандӣ (Калҳоқ), Ота Ҷалоли Бухорӣ ва Ҳоҷихони Чорчӯй омӯхтааст. Овози ӯ (тенори лирикӣ) диапазони васеъ дошт. Хеле форам ичро кардани мақомҳои гуногунранги оҳанг ба услуби сурудхонии ӯ хос буд. Соли 1900 намояндагони ҷамъияти «Рита граммофон» овози ӯро ба граммпластинка сабт карданд, ки дар байни онҳо «Ҷашқарчаи Сарвиноз», «Мутулчаи Бузург», «Талқини Ушшоқ», «Шаҳри Ушшоқ», «Талқини Уззол» ва «Уфари Мутулчаи Сегоҳ» буданд. Б. с-ҳои 20-ум дар мактаби мусиқии Бухоро дарс медиҳад. Худаш бо концертҳо баромад мекунад. С. 1923 ба Самарқанд мекӯчад. Дар клубҳо ва чойхонаҳо концертҳо дода, дар маҳфилҳои мусиқӣ ба чавонон «Шашмақом» ро ёд медиҳад. *З. Тоҷикова*

БОБОХО́НОВ Мансур (тав. 28. 8. 1931, Конибодом), муаррих, доктори илми таърих (1974), проф. (1977). Аз оилаи коргар. Аъзои КПСС аз с. 1955. С-ҳои 1948—53 дар фак-ти таъриху филологияи Ун-ти давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, 1953—56 дар аспирантура таҳсил кард. С-ҳои 1956—58 ассистенти кафедраи таърихи СССР-и Ун-ти давлатии Тоҷикистон. С-ҳои 1958—62 муаллими кафедраи таърихи СССР, 19[illegible]—[illegible] мудири кафедраи таърихи СССР-и УДТ. Аз с. 19[illegible] деканы фак-ти таърихи ун-т. Бо ташаббуси Б. маркази гематологии республикавӣ дар ш. Душанбе ва шӯъбаҳои кардиоревматологӣ дар ҳамаи районҳои республика таъсис ёфтанд. Б. аъзои правлениях Ҷамъияти умумииттифоқии терапевтҳо, кардиологҳо, гематологҳо, нефрологҳо, аъзои президиуми Ҷамъияти терапевтҳои Тоҷикистон, раиси правлениях Ҷамъияти терапевтҳои республика. Б. бо медалҳо мукофотонида шудааст.



Ас.: Бедории сиёсии омма дар арафаи Октябрь, Д., 1966; Вазъияти ичтимоию иктисодии Тоҷикистони Шимолӣ дар арафаи Октябрь, Д., 1970; Поезди агитационии «Красный Восток»—ҳосили Ленин, Д., 1971; Заминаҳои иттифоқи революционии меҳнакашони кишвари Туркистон бо пролетариати Россия, Д., 1975.

БОБОХОҶА́ЕВ Ислом Ёқубович (тав. 25. 8. 1915, Хуҷанд, Ленинобод хозира), доктори илмҳои тиб (1972), проф. (1977), яке аз аввалин ташкилотчиёни нигаҳдории тандурустӣ дар РСС Тоҷ. Духтури Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1945). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Аъзои КПСС аз с. 1943. С. 1937 Ин-ти тиббии Тошкентро хатм карда то с. 1943 дар хизмати ҳарбии тиббӣ буд. С-ҳои 1943—47 сардори шӯъбаи нигаҳдории тандурустии вил. Ленинобод, 1947—53 ҷонишини вазир, вазири нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ., 1958—61 сардухтури беморхонаи клиникии республикавӣ. С-ҳои 1961—72 дар Ин-ти умумииттифоқии тадқиқоти илмии гигиенаи ичтимоӣ ва ташкили нигаҳдории тандурустӣ ба номи Семашко (Москва) кор кард. Муаллифи зиёда аз 30 асари илмӣ оид ба ташкил ва такмили фаъолияти муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ аст. Б. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 2). Бо ордени «Нишони Фахрӣ», ордени Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаи 2-юм, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОХОҶА́ЕВ Муҳаммад Хоҷаевич (тав. 19. 11. 1924, Хуҷанд, Ленинобод хозира), терапевти советӣ, доктори илмҳои тиб (1964), проф. (1965), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1969). Аъзои КПСС аз с. 1945. С-ҳои 1942—46 дар хизмати ҳарбӣ буда, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст. Баъди хатми Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон (1951) дар ҳамин ин-т ассистент ва доцент шуда кор мекунад. Аз с. 1964 мудири кафедраи муттаҳидаи терапияи факультетию госпиталии фак-ти педиатрӣ, аз с. 1975 мудири кафедраи госпиталии № 1 фак-ти муолиҷавӣ, сартерапевт ва саргематологи Вазорати нигаҳдории тандурустии РСС Тоҷ. (аз 1964). Муаллифи беш аз 100 асарҳои илмӣ. Тадқиқотҳои Б. асосан ба масъалаҳои кардиология, гематология, курортология ва энзимология бахшида шудаанд.

Ас.: Здоровое сердце и высокогорье, Д., 1975; Касалиҳои дилу рагҳо ва пешгирии онҳо, Д., 1977.

БОБОХОҶА́ЕВ Сунват Мадалиевич (тав. 25. 5. 1929, деҳаи Пӯлодони р-ни Конибодом), геологи советӣ, доктори илмҳои геология ва минералогия (1974). Мудири шӯъбаи петрологияи Ин-ти геологияи АФ РСС Тоҷ. Аъзои КПСС аз с. 1964. Б. с. 1950 Ун-ти давлатии Осиёи Миёна (САГУ)-ро дар Тошкент хатм намуд. Ӯ мутахассиси соҳаи петрография ва геохимияи ҷинсҳои магмавист. С-ҳои 1950—56 пайдоиш ва металлогенияи ҷинсҳои магмавии ҳавзаи д-ҳои Такобу Ёсро омӯхта, аз с. 1957 петрологияи ҷинсҳои магмавӣ ва геохимияи Қаромазор (Шим. Тоҷикистон)-ро оид ба элементҳои тилло, нуқра, сурб, рух, қалъагӣ, вольфрам, висмут, фтор ва ғ. тадқиқ мекунад. Ду монография ва қариб 60 мақолаи илмӣ навишта, хаританаи ҷойгиршавии конҳои маъдани Қаромазори Шарқиро тартиб дод. Бо ордени «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст (1971).

Ас.: Петрология и особенности геохимической специализации интрузивных комплексов Восточного Карамазара (Северный Таджикистан), Д., 1975; Граниты шайданского типа, Д., 1976.

БОБОШО́ҲИ ИСФАҲО́НӢ بابا شاه اصفهانی (с. тав. номаълум — ваф. 1585, БаҒдод), хаттоти а. 16. Устоди маъруфи настаълиқнавис. Б. И. аз синни хаштсолагӣ дар назди хаттоти номӣ Миралӣ машқ кардааст. Б. И. бо тахаллуси «Ҳолӣ» шеър ҳам навишта, манзумаи «Одоб-ул-машқ»-ро ба одоби хушнависӣ бахшидааст. Як нусхаи «Силсилат-уз-заҳаб» (с. китобат 1564) ва «Тӯҳфат-ул-Аҳрор»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (с. китобат 1571), нусхаи «Насоеҳ-ул-мулук» (с. китобат 1570), «Хамса»-и Низомӣ, ки дар ҳошияаш «Хамса»-и Хусрави Деҳлави ҷой дода шудааст (с. китобат 1583), «Калимоти набавӣ» (с. китобат 1568) ба қалами Б. И. тааллуқ доранд. *М. Муллоаҳмадов.*

БОБОЙ, навъи зардолуи дерпазак. Асосан дар районҳои вил. Ленинобод (хусусан Хуҷанд, Айни, Мастчоҳ, Нов, Пролетар) паҳн шудааст. Хел

хои Б.-и сафед, сурх, қандак машхур аст. Дарахташ тезсабз ва дарозумр аст. Соли 3—4-ум мева медиҳад ва то 120 сол умр мебинад. Охири март гул карда, мевааш аввали июль мепазад. Мевааш хурди байзашакл (9—10 г), сафед, зарди норанҷӣ, баъзан сурхтоб, 13,4—14,6% қанд, 0,4—0,6% турши ва 19,3—24% моддаи хушк дорад. Донакаш хурд (қариб 1 г), мағзаш ширин. Аз 100 кг меваи тари Б. 36 кг қоқ ҳосил мешавад. Меваи тару тоза ва хушкондаи Б. хуштамъу сергизо, барои хӯрдан ва тайёр кардани зардолуоб, повидло, мармалод ва ғ. истифода мебаранд.

Ад.: Пулатов А., Клименко К. Я., Абрикосы Северного Таджикистана, Сталинабад, 1961; Пулатов А., Таджикский абрикос, Д., 1976.

А. Пулодов.

БОБОҚУ́ЛОВ Аҳмад (тав. 17. 1. 1931, Душанбе), артисти советии тоҷик. Арт. Халқии СССР (1971), проф. (1977). Писари Ҳофизи Халкии РСС Тоҷ., устоди «Шашмақом», лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ Бобоқул *Файзуллоев*. Б. баъди хатми мактаби миёна с. 1949 ба Консерваторияи Москва дохил шуда, шӯъбаи вокалӣ (1954) ва 1962 аспирантураи назди Консерваторияи Москваро (назди доцент В. Карин) хатм кардааст. Овозаш тенори драмавӣ. С-ҳои 1954—56 ва 1966 солисти Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, 1956—66 солисти Филармонияи давлатии Тоҷикистон. Аз с. 1967 доцент ва мудири кафедраи вокалии фак-ти санъати Ин-ти педагогии Душанбе (аз 1973 — Ин-ти санъат). Аз с. 1976 педагоги факультети вокалӣ ва театрии операвии ин-ти мазкур. Б. вакили Съездҳои 16, 17 ва 18 ПК Тоҷ. ва аз с. 1966 сар карда аъзои Комиссияи тафтишоти КМ ПК Тоҷ. Ария ва романсу сурудҳоро саммӣ ва бо ҳиссиёти баланд иҷро мекунад. Б. дар операҳои бастакорони тоҷик, классикии рус, хоричӣ ва советӣ партияҳои гуногунро иҷро намуда, барои равнақи санъати операвии тоҷик хизмати босазое кардааст. Партияҳои асосиаш: Каварадосси («Тоска»-и Ҷ. Пуччини, 1970), Канио («Масхарабозҳо»-и Р. Леонкавалло, 1967), Синодал («Азозил»-и А. Т. Рубинштейн, 1967), Содиқ («Бозгашт»-и Ё. Сабзанов, 1967), Замон («Домоди номдор»-и С. Урбах, 1969), Хуршед, Мадан («Духтаре аз Душанбе», 1968 ва «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ, 1966), Рӯдакӣ, («Рӯдакӣ»-и Ш. Сайфиддинов, 1976), Водемон («Иоланта»-и П. Чайковский, 1976) ва ғ. Б. ҳамчун иҷрокунандаи асарҳои вокалии бастакорони тоҷику рус ва халқҳои республикаҳои бародар, сурудҳои халқии тоҷикӣ низ машҳур аст. Б. дар сурудҳоӣ қобилияти баланд дорад, овозаш баланду беғубор ва форам аст. Махсусан, сурудҳои «Ушшоқи Самарқанд», «Дугоҳ», «Қашқарчаи Мугулчаи Дугоҳ», «Ироқ», суруди халқии «Ғарибӣ» ва ғ.-ро саммона месарояд. Б. роҳбари бадеии Ансамбли мақомхонии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ аст. Вай ба ҳофизони ансамбли мақомхонии қисматҳои алоҳидаи мақомҳоро сӯзонида, анъанаҳои устодони «Шашмақом» Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар *Соҳибов* ва Фазлиддин *Шаҳобовро* давом дода, сурудҳои классикиро бо маҳорат иҷро мекунад. Муаллифи китоби «Асарҳои вокалии жанрҳои гуногуни барои овози тенор» (Хрестоматия, Душанбе, 1976). Б. ба ш-ҳои Иттиҳоди Советӣ ва мамлакатҳои хоричӣ: Афғонистон, Индонезия, Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Канада, Австрия, РФГ сафари ҳунарӣ кардааст. Б. лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ (1966). Бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ф. Зеҳниева.

А. Бобоқулов дар рольҳо: аз чап — Содиқ («Бозгашт»-и Ё. Сабзанов, 1967); аз рост—Канио («Масхарабозҳо»-и Р. Леонкавалло, 1967).

БОБОҲУСАЙНӢ بابا حسینی гӯшаи мусиқӣ дар таркиби «Дувоздаҳмақом». Б. гӯшаи мақоми «Исфаҳон» ва шӯъбаи «Найрез» буда, дорои зарбу фосилаҳои нарму нафис ва форам мебошад.

А. Раҷабов.

БОБОҶО́Н Алӣ, (фам. Бобоҷонов; тав. 10. 2. 1936, Конибодом), шоири советии тоҷик. С. 1959 фак-ти забон ва адабиёти Ин-ти педагогии Душанберо хатм карда, дар идораи газетаву журналҳои республикавӣ чун ходими адабӣ кор мекунад. Аввалин шеъраш («Суруди шодӣ») с. 1955 эҷод шудааст. Ашъораш дар газетаву журнал ва маҷмӯаҳои муштарак чоп шудааст. Б. махсусан дар сурудани шеърҳои бачагона маҳорат дорад. Чандин шеъраш ба китобҳои дарсии хониш дохил шудаанд. То имрӯз якчанд маҷмӯаю китобчаҳояш: «Бачаҳои хуб» (1963), «Мусича» (1965), «Гули бодом» (1966), «Мавҷи сурур» (1973), «Некӣ ба некӣ» (1975) ва ғ. ба табъ расидаанд. Тарҷумаи ашъори шоири озарбойҷонӣ Т. Муталибов «Чӯҷаҳо» (1967) ва чандин шеъри шоирони Вьетнам ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Аз с. 1972 узви ИН СССР.

Н. Абдуллоев.

БОБОҶО́НОВ Абдуллоҷон (тав. 1931, қиш. Ёвон р-ни Хуҷанд), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1974). Аъзои КПСС аз с. 1955. С-ҳои 1946—56 колхозчӣ, ҳисобчӣ ва аз с. 1957 сардори бригадаи пахтакории к-зи «40-солагии Октябрь» и р-ни Хуҷанд буд. Бригадаи Б. с-ҳои 1972—73 ҳосили баланди пахтаи маҳиннах рӯёнд. Бо 2 ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОҶО́НОВ Муллорозиқ (1894, деҳаи Ёвон Хуҷанд — 1968, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Аъзои КПСС аз с. 1946. Б. то с. 1927 чорьяккор, 1928—65 колхозчӣ, сардори звено ва бригадаи пахтакорӣ, мудири участкаи к-зи ба номи Сталин (ҳоло «40-солагии Октябрь»)-и р-ни Хуҷанд буд. Аз с. 1960 нафақахури шахсӣ. Бригадаи Б. с-ҳои 1946—47 ҳосили

баланди пахтаи маҳиннах рӯёнд. Бо ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат, медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОҶО́НОВ Орифҷон (тав. 5. 10. 1931, деҳаи Шайхбурҳони р-ни Хуҷанд), зоотехник, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1966), Зоотехники Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1957). Аъзои КПСС аз с. 1960. Б. с. 1950 техникуми х. қ.-и ш. Ленинобод ва с. 1955 Ин-ти х. қ.-и Тоҷикистонро хатм кард. С-ҳои 1955—70 сарзоотехник ва аз с. 1970 мудири фермаи говпарвории к-зи ба номи Ӯрунхӯҷаеви р-ни Хуҷанд. Б. дар тараққии чорводори, зиёд намудани истеҳсол ва фурӯши гӯшт, шир, пашм, тухм ва диг. маҳсулоти чорвои к-з (1964—65) коҳиҳо ба даст овард. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОҶО́НОВ Ҷулод Бобоҷонович (тав. 15. 10. 1930, Уротеппа), астрофизик, акад. АФ РСС Тоҷ. (1973; аъзо-корр. 1966); доктори илмҳои физика ва математика (1970), проф. (1973). Аъзои КПСС аз с. 1955. Баъди хатми Ин-ти педагогии Ленинобод (1949) дар аспирантураи АФ РСС Тоҷ. ва Ун-ти давлатии Москва таҳсил намуд (1950—54). С-ҳои 1954—58 ходими калони илмии Расадхонаи астрономи, 1958—59 мудири шӯъбаи астрономияи метеории Ин-ти астрофизикаи АФ РСС Тоҷ., 1959—71 директори ҳамон ин-т буд. Аз с. 1971 ректори Ун-ти давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин.

Тадқиқоти илмии Б. дар соҳаи астрофизика асосан ба мушоҳида ва муайян кардани мадори табиати физики ва тадқиқи таҳлили моддаи метеорӣ дар фазои байнисайёравӣ алоқаманд аст. Мадори беш аз 400 метеорро муайян ва зиёда аз 20 сели метеориро кашф кардааст. Аз рӯи программаҳои Соли Байналҳалқии Геофизики, Соли Ҳамкории Байналҳалқи, Соли Байналҳалқии Офтоби Ором параметрҳои физикии зонаи метеориро дар қабатҳои болоии атмосфераи Замин бо ёрии мушоҳидаҳои фотографӣ ва радиолокатсионӣ тадқиқ намудааст. С-ҳои 1965—70 Б. дар республикаи Сомали (Африкаи шарқӣ) сардори экспедицияи советии метеорӣ буд, ки он бори нахуст дар ҷаҳон ҷойивазкунии изҳои метеориро дар экватор чен кард. Бо роҳбарии Б. дар Ин-ти астрофизикаи АФ РСС Тоҷ. асбоби *наззори метеорӣ* сохта шуд, ки он усули нави мушоҳидаҳои фотографӣ ва радиолокатсионии метеорҳоро дар СССР асос гузошт. Б. дар Душанбе (1958) ва бо супориши Совети астрономии АФ СССР дар республикаи Сомалӣ (1967) станцияи мушоҳидаи фотографии радифҳои маснӯи Заминро ташкил дод. Аъзои Иттиҳоди астрономии байналҳалқӣ, Совети астрономии АФ СССР, Ассоциацияи байналҳалқии геомагнетизм ва аэрономия, раиси Шӯъбаи душанбегии ҷамъияти умумиттифоқии астрономиву геодезӣ. Лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1977). Бо орденҳои Байраки Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медали ба номи С. И. Вавилов мукофотонида шудааст.

Ас.: Исследование скоростей извержения вещества из ядер комет, Сталинабад, 1955; Методы и некоторые результаты фотографических исследований метеоров, М., 1963; Радиометеорные исследования циркуляции верхней атмосферы, Д., 1974.

БОБОҶО́НОВ Раҳматуллоҳ (Ҳоҷираҳматуллоҳ) (1895, Қаротоғ — 1927, Душанбе), ходими давлатӣ, яке аз муборизони мӯстаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1920. Аз оилаи деҳқони камбағал. С-ҳои 1903—18 дар мактабҳои Қаротоғ ва дар мадрасаи Бухоро таҳсил намуд. С-ҳои 1918—20 дар станцияи Когон кор карда, дар ҳаракати революционии коркунони р. о., дар Рев. Халқии Бухоро иштирок дошт. С-ҳои 1921—25 сардори отряди миллии ҷанговарони сурх дар ҳайати Экспедицияи ҳарбию сиёсии Ҳисор, ҷонишини раиси Комитети революционии вил. Ҳисор, ҷонишини раиси КИМ-и Советҳои Бухорои Шарқӣ, ҷонишини раиси Комитети революционии РАСС Тоҷ. С-ҳои 1926—27 дар Ун-ти коммунистии меҳнаткашони Шарқ дар Москва хонд. Тобистони с. 1927 Б. аз тарафи босмачиён кушта шуд.

И. Келдиев.

БОБРУ́ЙСК, шаҳр дар вил. Могилёви РССБ. Бандари д. Березина. Узели р. о. ва автомобильгард. Аҳол. 192 ҳаз. наф. (1977). Дар Б. корхонаҳои саноати чӯбгари (комб. фанер ва чӯбу тахта, ф-каи мебель), мошинсозӣ (з-ди мошинсозии ба номи В. И. Ленин, з-дҳои қисму агрегатҳои трактор, мошинҳои х. қ. ва г.), химия, хӯроквори, саноати сабук, инчунин комб. калони шиша мавҷуданд. 4 техникум, омӯзишгоҳи тиббӣ, 3 театр ва музеи кишваршиносӣ дорад. Аввалин маълумоти доир ба Б. ба нимаи аввали а. 14 рост меояд.

БОБСЛЕЙ (англ. bobsleigh), навъи варзиш, ки дар чанаи оҳанини идорашаванда бо яхроҳаи махсус сар нишеб суръатнок поён мефароянд. Чана руль ва тормоз дорад. Дар мусобиқа аз баландии 1500—2000 м, ки 7—8 ҳаму печ дорад, бо суръати 100 км/с бо чанаҳои дучоя ва чорҷоя фуруд меоянд. Ин навъи варзиш охирҳои а. 19 дар Швейцария ба вуҷуд омад ва дар Швеция, Румыния, Польша, ШМА ва ғ. паҳн шуд. Аз с. 1924 Б. ба программаи Бозиҳои олимпӣ дохил карда шуд.

БОБУЛ (ба шумерӣ Кадингирра, акадӣ Бабиул—маъноаш дарвозаи худо), шаҳри қадим дар шим. *Байнаннаҳрайн*, димнааш дар назди ш. Ҳилла (Ироқ). Б. замони сулолаи I Бобулиён (1894—1595 то м.) шӯҳрати калон дошт. Дар аҳди *Хаммурапи* биною қасрҳои мӯҳташам, истеҳкомҳои бузург сохта шуданд. Аз с. 732 Б. ба ҳайати давлати Ошур дохил буд. Шоҳи Ошур Синахериб с. 689 то м. Б.-ро тамоман хароб кард. Вориси ӯ Асархаддон таҚрибан с. 680 то м. шаҳрро аз нав обод намуд. С. 539 то м. Б.-ро *Куруши Кабир*, 331 то м. *Искандари Мақдунӣ* забт карданд. Ҳафриёти археологии с-ҳои 1899—1917, маълумоти диг. сарчашмаҳо дар хусуси маданияти бои қадимаи Б. гувоҳӣ медиҳанд. Б. тарҳи чоркунҷа, 3 қатор қалъа бо манораҳо, 8 дарвоза дошт. Д-и Фурот Б.-ро ба ду тақсим мекард. Аз дарвозаи Иштар то марказ — маъбади Эсагила роҳ сангфарш буд. Дар шим. Б. қаср — истеҳкоми Навуходоносори II, дар шарқ—театри юнонии а. 4 то м. воқеъ буданд. Ниг. низ *Бобулистон*.

БОБУЛИСТО́Н, давлати қадима дар ҷан. Байнаннаҳрайн, ҳудуди ҳозираи Ироқ (ҳазорсолаи 2-юми то м.— 539 то м.). Аввалҳо *Шумер* ва *Акад*, баъд номи Б.-ро гирифт. То аввали а. 19 то м. Б. ба дасти шоҳони Акад (а-ҳои 24—22), сипас ба шоҳони сулолаи III Ур (а-ҳои 22—21) гузашт. С. 1894 то м. сулолаи аморӣҳо (замони Хаммурапи) қисми зиёди Байнаннаҳрайнро муттаҳид намуда, давлати калони мутамаркази ғуломдорӣ ташкил кард. Иқтисодиёти Б. инкишоф ёфта, иншооти обёрӣ сохта шуд. Яроқу аслиҳаи биринҷӣ бештар истифода мешуд. Дар мубодила пул афзалият пайдо кард. Ҷамъият аз ғуломон ва ғуломдорон иборат буд. А. 16 то м. Б.-ро *кассиҳо* забт намуданд. А. 7 то м. (с. 689 ва 648) лашкари *Ошур* Б.-ро ду маротиба истило ва хароб кард. С. 626 то м. ҳокими Ошур дар Б. Набупаласар аз ҳайати давлати Ошур баромада, худро шоҳи Б. эълон намуд. У дар муборизаи ба модҳо ёрӣ расонд ва онҳо давлати Ошурро байни худ тақсим карданд. С. 626 то м. давлати нави Б. ба вуҷуд омад. Б. с. 586 то м. Яҳудиёро забт намуда, ба музофоти худ табдил дод. Дар аҳди Набупаласар ва Навуходоносори II иқтисодиёти Б. хеле пеш рафт. Б. маркази тиҷорати Осиёи Наздик гардид. Саҳми

меҳнати ғуломон дар хоҷагии халқ афзуд. Баъди вафоти Навуходоносори II табаддулоти дарборӣ ба амал омада, с. 556 то м. ба сари ҳокимият Набонид омад. Дар а. 6 то м. Б. дар муборизаи зидди Ҳахоманишиён шикаст хӯрд. С. 539 то м. шоҳи Эрон *Куруши Кабир* Б.-ро забт кард. Ниг. низ *Бобул*.

БОБУЛМА́НДАБ (ар. باب المندب дарвозаи андӯҳ), ғулӯгоҳи байни канораи ҷан. ғарбии нимҷаз. Арабистон ва Африка. Баҳри Сурхро бо хал. Адан ва Баҳри Араб мепайвандад. Ҷои камбараш 26,5 км, чуқурнаш дар ҷои киштигард 182 м. Ҷаз. Перим Б.-ро ба ду гузаргоҳ — Калон ва Хурд тақсим мекунад. Б. аҳамияти иқтисодию стратегӣ дорад. Аз он роҳи Европа ба Осиёи Шарқию Миёна ва Австралия мегузарад.

БОБУНА́ (Matricaria lamellata), гиёҳи яксола, мансуби *мураккабгулҳо*. Баландиаш то 30 см; барги пармонанд, гули майдаи заболакшакли сафеду найчагии зард, гултӯдаи сабадакшакл, меваи бисьёртухма дорад. Бештар дар хоки сангу регдор ва алафзори пасти пистазор меруяд. Аз охирҳои март то аввалҳои июль гул мекушад. Дар Тоҷикистон (доманаи к. Мугул, мавзеи Қайроққум, алафзори кӯҳҳои Туён, Хоҷақозиён ва ғ. дар баландии 400—900 м аз с. б.) паҳн шудааст. Ибни Сино Б.-ро дар муолиҷаи заъфарма, варача, дарди саръ, рафъи омос ва санги гурда ва дар а. 15 табиби тоҷик Юсуф Муҳаммад бехи Б.-ро барои табобати нисьён (склероз) истифода бурдаанд. Алафи Б. равғани эфир, пайвастҳои лактонию флавоноидӣ ва кислотаҳои органикӣ дорад.

Ад.: Ибн Сина, Канон врачебной науки, кн. 2, Ташкент, 1956; Капраков В. А., Раҳим Ҳошим, Ҳикмати асрҳо, Д., 1975. *М. Ҳоҷиматов.*

БОБУР بابر Заҳируддин Муҳаммад (14. 2. 1483, Андиҷон — 26. 12. 1530, Агра, Ҳиндустон), арбоби давлатӣ, лашкаркаш, ваҳоеъонигор, шоир. Аз сулолаи *Темуриён*. Дар 12-солагӣ ӯро падараш ҳокими Фарғона таъин кард. Ба забти Мовароуннаҳру Хуросон ва барқарор намудани иқтидори пешинаи Темуриён кӯшид. С-ҳои 1497—98 пойтахти Темуриён Самарқандро ишғол намуд. Дар Фарғона хуруҷи феодалон сар зад. Онҳо бародари Б. Ҷаҳонгирро ба тахти Андиҷон шинондан буданд. Б. маҷбур шуд Самарқандро тарк намуда, ба Андиҷон равад. Вале дар роҳи Хуҷанд хабари Андиҷонро забт намудани Ҷаҳонгир расид ва Б. бар зидди ӯ ҷанг сар кард. С. 1498 бародарон сулҳ баста, вил. Фарғонаро байни худ тақсим карданд. С. 1500 Б. аз нав Самарқандро ба даст даровард. Дере нагузашта *Шайбонихон*, ки қисми зиёди Мовароуннаҳрро тобеъ карда буд, ба Самарқанд лашкар кашид.

Бобур. Амали рассоми Ҳиндустон, а. 16.

Дар задухӯрди назди Сарипул Б. пурра шикаст хӯрда, Мовароуннаҳрро тарк кард. С. 1504 Кобулро ишғол намуда, пойтахти худ қарор дод. Ӯ нақшаи забти Самарқанду Мовароуннаҳрро мекашид. Б. с. 1506 бо даъвати *Ҳусайни Бойқаро* барои муборизаи ба муқобили Шайбонихон ба Ҳирот омад. Окт. 1511 бо ёрии шоҳ *Исмоили Сафавӣ* бори сеюм Самарқандро ишғол намуд. Апр. 1512 дар назди кии Бухоро аз қӯшуни Шайбониён шикаст хӯрда, абадан аз Осиёи Миёна ронда шуд. Баъди ду сол ба Кобул омад. С. 1526 дар назди Панипат султони Деҳлӣ *Иброҳими Лудиро* шикаст дода, империяи *Темуриёни Ҳиндро* барпо кард. Аграро пойтахти худ қарор дод. Б. якчанд асар офаридааст. То замони мо аз ӯ *«Бобурнома»*, девони шеърҳо ва рисолае доир ба арӯз ва қофия омада расидаанд. Шеърҳояш асосан ба забони туркии чағатоӣ ва қисман ба форсӣ-тоҷикӣ навишта шудаанд. Дар асарҳои Б. суханҳои пурҳикмат, зарбулмасалу маҳолҳо бисьёранд.

Ас: Бобир, Асарлар, 1—3 жилдлар, Тошкент, 1965—66. *Н. Косимов.*

«БОБУРНОМА́» بابرنامه асари Заҳируддин Муҳаммад *Бобур*. «Б.» с-ҳои 1525—30 дар Ҳиндустон таълиф ёфта, ҳаводиси 1495—1530-ро дарбар мегирад. «Б.» нахустин намунаи барҷастаи насри забони туркӣ аст. Мутаассифона, матни воқеаҳои с-ҳои 1509—18, 1521—24, 1529—30 аз байн рафтааст. Асарро вобаста ба давраи ҳукмронии муаллиф ба се қисми зерин тақсим намудан мумкин аст: Мовароуннаҳр (1494—1504), Афғонистон (1504—24) ва Ҳиндустон (1524—30). «Б.»-ро дар баъзе манбаъҳо «Воқеънома» меноманд. «Б.» барои омӯхтани таъриҳи нимаи дуюми а. 15 ва нимаи аввали а. 16 Осиёи Миёна, Афғонистон ва Ҳиндустон сарчашмаи қиматбаҳост. «Б.» дар бораи Мовароуннаҳр, шаҳрҳои он, ноҳиядҳою табиати онҳо маълумоти даҳиқ медиҳад. Бобҳои доир ба ҳайвоноту наботот, меваю гулҳои Ҳиндустон хеле маҳоҳовар буда, то ҳол аҳамияти илмии худро гум накардаанд. «Б.» роҷеъ ба Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Мирхонд, Хондамир, Биноӣ, Ҳилолӣ, Беҳзод ва дигарон маълумоти қиматбаҳо дорад. Дар «Б.» воқеаю ҳодисаҳо аниқ ва таъсирбахш ифода ёфтааст, ки аз маҳорати баланди эҷодии муаллиф шаҳодат медиҳад. «Б.» ба забони форсӣ-тоҷикӣ борҳо тарҷума шудааст. Яке аз тарҷумаҳои ин асар (1531) ба қалами *Вафоӣ* Шайх Зайнуддини Хофӣ тааллуқ дорад.

БОГДА́НОВ (лақаб; номи аслиаш Малиновский; лақабҳои дигараш — Вернер, Максимов, Рядовой) Александр Александрович (22. 8. 1873, ш. Соколка, губ. Гродно — 7. 4. 1928, Москва), иқтисодчӣ, файласуф, ходими давлатӣ, олими табиатшинос. Фак-ти тиббии Ун-ти Харьковро хатм кардааст (1899). Дар ҳаракати халқчигӣ иштирок дошт. Аъзои партияи с.-д. аз с. 1896. С. 1903 ба тарафи большевикон гузашт. Дар съездҳои 3-юм (1905), 4-ум (1906) ва 5-ум (1907) аъзои КМ РСДРП интихоб шуд. Дар Рев. с-ҳои 1905—07 фаъолона иштирок дошт. Дар газетаҳои большевикӣ («Пролетарий», «Вперёд», «Новая жизнь») ҳамкорӣ мекард. С. 1909 барои фаъолияти фракционӣаш аз партия ронда шуд. Баъди ғалабаи Рев. Октябрь аъзои Академияи Коммунистӣ буда, дар Ун-ти Москва аз иқтисодиёт дарс мегуфт. С. 1918 идеологи *Пролеткульт* гардида, дар ташкили «Ун-ти пролетарӣ» ширкат варзид. Аз с. 1921 пурра ба тадқиқоти илмӣ, асосан дар соҳаи *геронтология* ва *гематология* машғул шуд. Б. ташкилотчӣ ва директори дар ҷаҳон аввалин Ин-ти хунгузаронӣ (1926; ҳоло Ин-ти марказии ордени Лениндори гематология ва хунгузаронӣ). Таҳаввули ақидаҳои фалсафии Б. чор зина дорад: материализми стихиявӣ; рағбат ба *энергетизми* В. Ф. Оствальд; гузаштан ба *механицизм* ва *махизм*. Мувофиқи таълимоти Б. мафҳумҳои фалсафӣ — рӯҳ, материя, ҷавҳар ва ғ.— моҳиятан «бут ва фетишҳои маърифатанд». Аз рӯи таълимоти Б., «ҳастии ҷамъиятӣ ва шуури ҷамъиятӣ дар маъноӣ аниқи ин калимаҳо як чизанд». В. И. Ленин ақидаҳои фалсафии Б.-ро идеалистию иртиҷоӣ номид. Аммо, ба ибораи В. И. Ленин «Богданов шахсан душмани қаттоли ҳар гуна реакция ва аз ҷумла реакцияи буржуазӣ мебошад» (Ленин В. И., Ас., ҷ. 14, саҳ. 378). Б. инчунин ба иқтисодиёт якчанд асарҳо таълиф намудааст. Аз ҷумла «Курси мухтасари илми иқтисодиёт» (1897) сазовори баҳои баланди В. И. Ленин гардид. Б. муаллифи романҳои илмию фантастикӣ дар бораи ҷамъияти оянда — «Ситораи Сурх» (1908) ва «Инженер Мэнни» (1912) мебошад.

Ас.: Революция и философия, СПБ, 1905; Борьба за жизнеспособность, (М.), 1927.

баланди пахтаи маҳиннах рӯёнд. Бо ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОҶОНОВ Орифҷон (тав. 5. 10. 1931, деҳаи Шайхбурҳони р-ни Хуҷанд), зоотехник, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1966), Зоотехники Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1957). Аъзои КПСС аз с. 1960. Б. с. 1950 техникуми х. ҚҲ-и ш. Ленинобод ва с. 1955 Ин-ти х. ҚҲ-и Тоҷикистонро хатм кард. С-ҳои 1955—70 сарзоотехник ва аз с. 1970 мудири фермаи говпарвории к-зи ба номи Ӯрунхӯҷаеви р-ни Хуҷанд. Б. дар тараққии чорводорӣ, зиёд намудани истеҳсол ва фурӯши гӯшт, шир, пашм, тухм ва диг. маҳсулоти чорвои к-з (1964—65) комёбиҳо ба даст овард. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОБОҶОНОВ Пӯлод Бобоҷонович (тав. 15. 10. 1930, Ӯротеппа), астрофизик, акад. АФ РСС Тоҷ. (1973; аъзо-корр. 1966); доктори илмҳои физика ва математика (1970), проф. (1973). Аъзои КПСС аз с. 1955. Баъди хатми Ин-ти педагогии Ленинобод (1949) дар аспирантураи АФ РСС Тоҷ. ва Ун-ти давлатии Москва таҳсил намуд (1950—54). С-ҳои 1954—58 ходими калони илмии Расадхонаи астрономи, 1958—59 мудири шӯъбаи астрономияи метеории Ин-ти астрофизикаи АФ РСС Тоҷ., 1959—71 директори ҳамон ин-т буд. Аз с. 1971 ректори Ун-ти давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин.

Таҳқиқоти илмии Б. дар соҳаи астрофизика асосан ба мушоҳида ва муайян кардани мадор. табиати физикӣ ва таҳқиқи таҳсимоти моддаи метеорӣ дар фазои байнисайёравӣ алоқаманд аст. Мадори беш аз 400 метеорро муайян ва зиёда аз 20 селҳои метеориро кашф кардааст. Аз рӯи программаҳои Соли Байналхалқии Геофизикӣ, Соли Ҳамкории Байналхалқӣ, Соли Байналхалқии Офтоби Ором параметрҳои физикии зонаи метеориро дар қабатҳои болоии атмосфераи Замин бо ёрии мушоҳидаҳои фотографӣ ва радиолокационӣ таҳқиқ намудааст. С-ҳои 1968—70 Б. дар республикаи Сомалӣ (Африкаи шарқӣ) сардори экспедицияи советии метеорӣ буд, ки он бори нахуст дар ҷаҳон ҷойивазкунии изҳои метеориро дар экватор чен кард. Бо роҳбарии Б. дар Ин-ти астрофизикаи АФ РСС Тоҷ. асбоби *наззори метеорӣ* сохта шуд, ки он усули нави мушоҳидаҳои фотографӣ ва радиолокационии метеорҳоро дар СССР асос гузошт. Б. дар Душанбе (1958) ва бо супориши Совети астрономии АФ СССР дар республикаи Сомалӣ (1967) станцияи мушоҳидаи фотографии радифҳои маснӯи Заминро ташкил дод. Аъзои Иттиҳоди астрономии байналхалқӣ, Совети астрономии АФ СССР, Ассоциацияи байналхалқии геомагнетизм ва аэрономия, раиси Шӯъбаи душанбегии ҷамъияти умумиттифоқии астрономиву геодезӣ. Лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1977). Бо орденҳои Байраҳи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медали ба номи С. И. Вавилов мукофотонида шудааст.

Ас.: Исследование скоростей извержения вещества из ядер комет, Сталинабад, 1955; Методы и некоторые результаты фотографических исследований метеоров, М., 1963; Радиометеорные исследования циркуляции верхней атмосферы, Д., 1974.

БОБОҶОНОВ Раҳматуллоҳ (Ҳоҷираҳматуллоҳ) (1895, Қаротоғ — 1927, Душанбе), ходими давлатӣ, яке аз муборизони мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1920. Аз оилаи деҳқони камбағал. С-ҳои 1903—18 дар мактабҳои Қаротоғ ва дар мадрасаи Бухоро таҳсил намуд. С-ҳои 1918—20 дар станцияи Когон кор карда, дар ҳаракати революционии коркунони р. о., дар Рев. Халқии Бухоро иштирок дошт. С-ҳои 1921—25 сардори отряди миллии ҷанговарони сурх дар ҳайати Экспедицияи ҳарбию сиёсии Ҳисор, ҷонишини раиси Комитети революционии вил. Ҳисор, ҷонишини раиси КИМ-и Советҳои Бухорои Шарқӣ, ҷонишини раиси Комитети революционии РАСС Тоҷ. С-ҳои 1926—27 дар Ун-ти коммунистии меҳнаткашони Шарқ дар Москва хонд. Тобистони с. 1927 Б. аз тарафи босмачиён кушта шуд.

И. Келдиев.

БОБРУЙСК, шаҳр дар вил. Могилёви РССБ. Бандари д. Березина. Узели р. о. ва автомобильгард. Аҳол. 192 ҳаз. наф. (1977). Дар Б. корхонаҳои саноати чӯбгарӣ (комб. фанер ва чӯбу тахта, ф-каи мебель), мошинсозӣ (з-ди мошинсозии ба номи В. И. Ленин, з-дҳои қисму агрегатҳои трактор, мошинҳои х. ҚҲ. ва г.), химия, хӯрокворӣ, саноати сабук, инчунин комб. калони шиша мавҷуданд. 4 техникум, омӯзишгоҳи тиббӣ, 3 театр ва музеи кишваршиносӣ дорад. Аввалин маълумоти доир ба Б. ба нимаи аввали а. 14 рост меояд.

БОБСЛЕЙ (англ. bobsleigh), навъи варзиш, ки дар чанаи оханини идорашаванда бо яхроҳаи махсус сарнишеб суръатнок поён мефароянд. Чана руль ва тормоз дорад. Дар мусобиқа аз баландии 1500—2000 м, ки 7—8 ҳаму печ дорад, бо суръати 100 км/с бо чанаҳои дуҷоя ва чорҷоя фуруд меоянд. Ин навъи варзиш охирҳои а. 19 дар Швейцария ба вуҷуд омад ва дар Швеция, Румыния, Польша, ШМА ва г. паҳн шуд. Аз с. 1924 Б. ба программаи Бозиҳои олимпӣ дохил карда шуд.

БОБУЛ (ба шумерӣ Кадингирра, акадӣ Бабиул—маъноаш дарвозаи худо), шаҳри қадим дар шим. *Байнаннаҳрайн*, димнааш дар назди ш. Ҳилла (Ироқ). Б. замони сулолаи I Бобулиён (1894—1595 то м.) шӯҳрати калон дошт. Дар аҳди *Ҳаммурапи* биною қасрҳои мӯҳташам, истеҳкомҳои бузург сохта шуданд. Аз с. 732 Б. ба ҳайати давлати Ошур дохил буд. Шоҳи Ошур Синахериб с. 689 то м. Б.-ро тамоман хароб кард. Вориси ӯ Асархаддон таҳрибан с. 680 то м. шаҳрро аз нав обод намуд. С. 539 то м. Б.-ро *Куруши Кабир*, 331 то м. *Искандари Маҳдунӣ* забт карданд. Ҳафриёти археологии с-ҳои 1899—1917, маълумоти диг. сарчашмаҳо дар хусуси маданияти бои қадимаи Б. гувоҳӣ медиҳанд. Б. тарҳи чоркунҷа, 3 қатор қалъа бо манораҳо, 8 дарвоза дошт. Д-и Фурот Б.-ро ба ду таҳсим мекард. Аз дарвозаи Иштар то марказ — маъбади Эсагила роҳ сангфарш буд. Дар шим. Б. қаср — истеҳкоми Навуходоносори II, дар шарқ—театри юнонии а. 4 то м. воҳеъ буданд. Ниг. низ *Бобулистон*.

БОБУЛИСТОН, давлати қадима дар ҷан. Байнаннаҳрайн, ҳудуди ҳозираи Ироқ (ҳазорсолаи 2-юми то м.— 539 то м.). Аввалҳо *Шумер* ва *Акад*, баъд номи Б.-ро гирифт. То аввали а. 19 то м. Б. ба дасти шоҳони Акад (а-ҳои 24—22), сипас ба шоҳони сулолаи III Ур (а-ҳои 22—21) гузашт. С. 1894 то м. сулолаи аморӣҳо (замони Ҳаммурапи) қисми зиёди Байнаннаҳрайнро муттаҳид намуда, давлати калони мутамаркази ғуломдорӣ ташкил кард. Иқтисодиёти Б. инкишоф ёфта, иншооти обёрӣ сохта шуд. Яроқу аслиҳаи биринҷӣ бештар истифода мешуд. Дар мубодила пул афзалият пайдо кард. Ҷамъият аз ғуломон ва ғуломдорон иборат буд. А. 16 то м. Б.-ро *кассиҳо* забт намуданд. А. 7 то м. (с. 689 ва 648) лашкари *Ошур* Б.-ро ду маротиба истило ва хароб кард. С. 626 то м. ҳокими Ошур дар Б. Набупаласар аз ҳайати давлати Ошур баромада, ҳудро шоҳи Б. эълон намуд. Ӯ дар муборизаи ба модҳо ёрӣ расонд ва онҳо давлати Ошурро байни худ таҳсим карданд. С. 626 то м. давлати нави Б. ба вуҷуд омад. Б. с. 586 то м. Яҳудиярро забт намуда, ба музофоти худ табдил дод. Дар аҳди Набупаласар ва Навуходоносори II иқтисодиёти Б. хеле пеш рафт. Б. маркази тиҷорати Осиёи Наздик гардид. Саҳми

меҳнати ғуломон дар хоҷагии халқ афзуд. Баъди вафоти Навуходоносори II табаддулоти дарборӣ ба амал омада, с. 556 то м. ба сари ҳокимият Набонид омад. Дар а. 6 то м. Б. дар муборизаи зидди Ҳахоманишиён шикаст хӯрд. С. 539 то м. шоҳи Эрон *Куруши Кабир* Б.-ро забт кард. Ниг. низ *Бобул*.

БОБУЛМА́НДАБ (ар. باب المندب дарвозаи андӯҳ), гулӯгоҳи байни канораи ҷан. ғарбии нимҷаз. Арабистон ва Африка. Баҳри Сурхро бо хал. Адан ва Баҳри Араб мепайвандад. Ҷои камбараш 26,5 км, чуқурнаш дар ҷои киштигард 182 м. Ҷаз. Перим Б.-ро ба ду гузаргоҳ — Калон ва Хурд тақсим мекунад. Б. аҳамияти иқтисодию стратегӣ дорад. Аз он роҳи Европа ба Осиёи Шарқию Миёна ва Австралия мегузарад.

БОБУНА́ (Matricaria lamellata), гиёҳи яксола, мансуби *мураккабгулҳо*. Баландиаш то 30 см; барги пармонанд, гули майдаи забонакшакли сафеду найчагии зард, гултӯдаи сабадакшакл, меваи бисьёртухма дорад. Бештар дар хоки сангу регдор ва алафзори пасти пистазор меруяд. Аз охирҳои март то аввалҳои июль гул мекунад. Дар Тоҷикистон (доманаи к. Муғул, мавзеи Қайроққум, алафзори кӯҳҳои Туён, Хоҷақозиён ва ғ. дар баландии 400—900 м аз с. б.) паҳн шудааст. Ибни Сино Б.-ро дар муолиҷаи заъфарма, варача, дарди саръ, рафъи омос ва санги гурда ва дар а. 15 табиби тоҷик Юсуф Муҳаммад бехи Б.-ро барои табобати нисьён (склероз) истифода бурдаанд. Алафи Б. равгани эфир, пайвастҳои лактонию флавоноидӣ ва кислотаҳои органикӣ дорад.

Ад.: Ибн Сина, Канон врачебной науки, кн. 2, Ташкент, 1956; Капранов В. А., Раҳим Ҳошим, Ҳикмати асрҳо, Д., 1975. *М. Ҳоҷиматов.*

БОБУР بابر Заҳируддин Муҳаммад (14. 2. 1483, Андиҷон — 26. 12. 1530, Агра, Ҳиндустон), арбоби давлатӣ, лашкаркаш, ваҳоеънигор, шоир. Аз сулолаи *Темуриён*. Дар 12-солагӣ ӯро падараш ҳокими Фарғона таъин кард. Ба забти Мовароуннаҳру Хуросон ва барқарор намудани иқтидори пешинаи Темуриён кӯшид. С-ҳои 1497—98 пойтахти Темуриён Самарқандро ишғол намуд. Дар Фарғона хурӯҷи феодалон сар зад. Онҳо бародари Б. Ҷаҳонгирро ба тахти Андиҷон шинонданӣ буданд. Б. маҷбур шуд Самарқандро тарк намуда, ба Андиҷон равад. Вале дар роҳи Хуҷанд хабари Андиҷонро забт намудани Ҷаҳонгир расид ва Б. бар зидди ӯ ҷанг сар кард. С. 1498 бародарон сулҳ баста, вил. Фарғонаро байни худ тақсим карданд. С. 1500 Б. аз нав Самарқандро ба даст даровард. Дере нагузашта *Шайбонихон*, ки қисми зиёди Мовароуннаҳрро тобеъ карда буд, ба Самарқанд лашкар кашид.

Бобур. Амали рассоми Ҳиндустон, а. 16.

Дар задухӯрди назди Сарипул Б. пурра шикаст хӯрда, Мовароуннаҳрро тарк кард. С. 1504 Кобулро ишғол намуда, пойтахти худ қарор дод. Ӯ нақшаи забти Самарқанду Мовароуннаҳрро мекашид. Б. с. 1506 бо даъвати *Ҳусайни Бойқаро* барои муборизаи ба муқобили Шайбонихон ба Ҳирот омад. Окт. 1511 бо ёрии шоҳ *Исмоили Сафавӣ* бори сеюм Самарқандро ишғол намуд. Апр. 1512 дар наздикии Бухоро аз қӯшуни Шайбониён шикаст хӯрда, абадан аз Осиёи Миёна ронда шуд. Баъди ду сол ба Кобул омад. С. 1526 дар назди Панипат султони Деҳлӣ *Иброҳими Лудиро* шикаст дода, империяи *Темуриёни Ҳиндро* барпо кард. Аграро пойтахти худ қарор дод. Б. якчанд асар офаридааст. То замони мо аз ӯ *«Бобурнома»*, девони шеърҳо ва рисолае доир ба арӯз ва қофия омада расидаанд. Шеърҳояш асосан ба забони туркии чағатой ва қисман ба форсӣ-тоҷикӣ навишта шудаанд. Дар асарҳои Б. суханҳои пурҳикмат, зарбулмасалу мақолҳо бисьёранд.

Ас: Бобир, Асарлар, 1—3 жилдлар, Тошкент, 1965—66. *Н. Қосимов.*

«БОБУРНОМА́» بابرنامه асари Заҳируддин Муҳаммад *Бобур*. «Б.» с-ҳои 1525—30 дар Ҳиндустон таълиф ёфта, ҳаводиси 1495—1530-ро дарбар мегирад. «Б.» нахустин намунаи барҷастаи насри забони туркӣ аст. Мутаассифона, матни воқеаҳои с-ҳои 1509—18, 1521—24, 1529—30 аз байн рафтааст. Асарро вобаста ба давраи ҳукмронии муаллиф ба се қисми зерин тақсим намудан мумкин аст: Мовароуннаҳр (1494—1504), Афғонистон (1504—24) ва Ҳиндустон (1524—30). «Б.»-ро дар баъзе манбаъҳо «Воқеънома» меноманд. «Б.» барои омӯхтани таърихи нимаи дуюми а. 15 ва нимаи аввали а. 16 Осиёи Миёна, Афғонистон ва Ҳиндустон сарчашмаи қиматбаҳост. «Б.» дар бораи Мовароуннаҳр, шаҳрҳои он, ноҳияҳою табиати онҳо маълумоти дақиқ медиҳад. Бобҳои доир ба ҳайвоноту наботот, меваю гулҳои Ҳиндустон хеле мароковар буда, то ҳол аҳамияти илмии худро гум накардаанд. «Б.» роҷеъ ба Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Мирхонд, Хондамир, Биноӣ, Ҳилолӣ, Беҳзод ва дигарон маълумоти қиматбаҳо дорад. Дар «Б.» воқеаю ҳодисаҳо аниқ ва таъсирбахш ифода ёфтааст, ки аз маҳорати баланди эҷодии муаллиф шаҳодат медиҳад. «Б.» ба забони форсӣ-тоҷикӣ борҳо тарҷума шудааст. Яке аз тарҷумаҳои ин асар (1531) ба қалами *Вафоӣ* Шайх Зайнуддини Хофӣ тааллуқ дорад.

БОГДА́НОВ (лақаб; номи аслиаш Малиновский; лақабҳои дигараш — Вернер, Максимов, Рядовой) Александр Александрович (22. 8. 1873, ш. Соколка, губ. Гродно — 7. 4. 1928, Москва), иқтисодчӣ, файласуф, ходими давлатӣ, олими табиатшинос. Фак-ти тиббии Ун-ти Харьковро хатм кардааст (1899). Дар ҳаракати халқчигӣ иштирок дошт. Аъзои партияи с.-д. аз с. 1896. С. 1903 ба тарафи большевикон гузашт. Дар съездҳои 3-юм (1905), 4-ум (1906) ва 5-ум (1907) аъзои КМ РСДРП интихоб шуд. Дар Рев. с-ҳои 1905—07 фаъолона иштирок дошт. Дар газетаҳои большевикӣ («Пролетарий», «Вперёд», «Новая жизнь») ҳамкорӣ мекард. С. 1909 барои фаъолияти фракционияш аз партия ронда шуд. Баъди ғалабаи Рев. Октябрь аъзои Академияи Коммунистӣ буда, дар Ун-ти Москва аз иқтисодиёт дарс мегуфт. С. 1918 идеологи *Пролеткульт* гардида, дар ташкили «Ун-ти пролетарӣ» ширкат варзид. Аз с. 1921 пурра ба тадқиқоти илмӣ, асосан дар соҳаи *геронтология* ва *гематология* машғул шуд. Б. ташкилотчӣ ва директори дар ҷаҳон аввалин Ин-ти хунгузаронӣ (1926; ҳоло Ин-ти марказии ордени Лениндори гематология ва хунгузаронӣ). Таҳаввули ақидаҳои фалсафии Б. чор зина дорад: материализми стихиявӣ; рағбат ба *энергетизми* В. Ф. Оствальд; гузаштан ба *механицизм* ва *махизм*. Мувофиқи таълимоти Б. мафҳумҳои фалсафӣ — рӯҳ, материя, ҷавҳар ва ғ.— моҳиятан «бут ва фетишҳои маърифатанд». Аз рӯи таълимоти Б., «ҳастии ҷамъиятӣ ва шуури ҷамъиятӣ дар маъноӣ аниқи ин калимаҳо як чизанд». В. И. Ленин ақидаҳои фалсафии Б.-ро идеалистию иртиҷои номид. Аммо, ба ибораи В. И. Ленин «Богданов шахсан душмани қаттоли ҳар гуна реакция ва аз ҷумла реакцияи буржуазӣ мебошад» (Ленин В. И., Ас., ҷ. 14, сах. 378). Б. инчунин сиё ба иқтисодиёт якчанд асарро таълиф намудааст. Аз ҷумла «Курси мухтасари илми иқтисодиёт» (1897) сазовори баҳои баланди В. И. Ленин гардид. Б. муаллифи романҳои илмию фантастикӣ дар бораи ҷамъияти оянда — «Ситораи Сурх» (1908) ва «Инженер Мэнни» (1912) мебошад.

Ас.: Революция и философия, СПБ, 1905; Борьба за жизнеспособность, (М.), 1927.

Ад: Ленин В. И., Материализм ва эмпириокритицизм, Ас., ч. 14; Асмус В. Ф., Логическая реформа А. Богданова, «Вестник Коммунистической Академии», 1927, кн. 22; Чистова С. П., Роль А. А. Богданова в развитии советской медицины, «Советская медицина», 1967, (№) 6, сах. 147—50.

БОГДАНОВИЧ Карл Иванович (29.11.1864, Люцин, губ. Витебск — 5.6.1947, Варшава), геологи поляк. С. 1886 Ин-ти кӯҳкории Петербургро хатм намудааст. С-ҳои 1901—17 корманди Комитети геологии Россия (аз 1914 директор), дар як вақт проф. Ин-ти кӯҳкории Петербург (1902—19). То с. 1919 дар нохияҳои гуногуни Қисми европоии Россия, Осиёи Маркази ва Миёна, Сибирь, Камчатка, Кавказ тадқиқоти геологӣ бурдааст. Б. с-ҳои 1889—90 дар ҳайати экспедицияи Ҷамъияти географии рус (роҳбараш М. В. Певцов) як қатор нохияҳои байни Иссиққӯлу Помири Шарқи ва Тибетро тадқиқ кард. Натиҷаи корҳои геологии дар Осиёи Миёна ва Маркази ӯ гузаронидаи ӯ дар асарҳои: «Помир ва Лоб-Нор» (1900), «Туркистон» (1918), «Тадқиқоти геологӣ дар Туркистони Шарқи» (1892), ки ба забони русӣ навишта шудаанд, акс ёфтаанд. Дар асарҳои диг. ӯ оид ба конҳои маъдан (1912—13) ва геологияи нефть (1931) ахбороти муфассал дода шудааст. Аз с. 1919 Б. дар Польша проф. Академияи кӯҳкории Краков ва солҳои охир роҳбари корҳои геологии Республикаи Халқии Польша буд.

Ад: Заварицкий А. Н. (ва диг.), О научно-организационной деятельности К. И. Богдановича, дар кит. Очерки по истории геологических знаний, в. 5, 1956.

БОГОЛЮБОВ Михаил Николаевич (тав. 24.1.1918, Петроград), забоншиноси совети, арошшинос, аъзокорр. АФ СССР (1966). Ун-ти Ленинградро (1941) хатм кардааст. Проф. ҳамин ун-т (аз с. 1959). Асарҳои асосиаш ба омӯзиши забонҳои хоразмӣ («Ҷонишинҳои шаҳси дар забони хоразми», 1962), суғдӣ («Хуччатҳои суғдӣ аз кӯҳи Мӯғ. Хусусиятҳои забонӣ», 1963) ва яғнобӣ («Забони яғнобӣ», 1966) оиданд. Хусусан асари охирин, ки дар он фонетика, морфология ва синтаксиси забони яғнобӣ аз нуқтаи назари методи муқоисавӣ-таърихӣ тадқиқ шудааст (забони яғнобӣ думбҳои забони суғдӣ таъбир шудааст), дар соҳаи таърихи забонҳои эронӣ аҳамияти калон дорад.

Б. Силеев

БОГОЛЮБОВ Николай Николаевич (тав. 8.8.1909, Нижний Новгород), математик ва физики назариётчии совети, акад. АФ СССР (1953, аъзокорр. аз 1946) ва АФ РССУ (1948). Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1969). Акад.-котиби шуъбаи математикаи АФ СССР (аз с. 1963) ва директори Ин-ти муттаҳидаи тадқиқоти ядрои Дубна (аз с. 1965). Корҳои илмии Б. ба методҳои тақрибии таҳлили математикӣ, физикаи математикӣ, механикаи ғайрихаттӣ, назарияи квантии майдон, назарияи математикии фавқунноқилият ва ғ. тааллуқ доранд. Аъзои бисьёр академияҳои хориҷӣ (Булгория, РДҒ, Польша, ШМА ва ғ.) ва ҷамъиятҳои илмӣ. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7—9). Лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1947, 1953) ва Мукофоти ленинӣ (1958). Бо 5 ордени Ленин ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОГОМОЛЕЦ Александр Александрович (24.5.1881, Киев—19.7.1946, дар ҳамон ҷо), патофизиолог ва ходими ҷамъиятӣ, акад. (1932), ноиб-президенти АФ СССР (1942), акад. ва аъзои фахрии як қатор АФ республикаҳои иттифоқӣ, Ходими Хизматнишондодаи Илми РСФСР (1935), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1944). С-ҳои 1930—46 президенти АФ РССУ ва дар як вақт директори Ин-ти биология ва патологияи таҷрибавӣ ва Ин-ти физиологияи клиникии АФ РССУ (ҳоло ба номи Б.). Асарҳояш ба физиологияи патологӣ, эндокринология, системаи вегетативии асаб, таълимот дар бораи диатез, онкология ва проблемаҳои дарозумрӣ бахшида шудаанд. Аъзои КИМ РССУ ва КИМ СССР (аз с. 1931). Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1 ва 2). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1941). Бо 2 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

БОГОТА́, Санта-Фе-де-Богота (Bogotá; Santa Fé de Bogotá), шаҳр, пойтахти Колумбия (аз 1886). Аҳол. бо атрофаш 3 млн наф. (1976). Б. дар баландии бештар аз 2600 м (к. Кордильераи Шарқӣ) воқеъ аст. Узели р. о. Аэропорт дорад. Роҳи шоссе Б.-ро бо Каракас (Венесуэла) ва Кито (Эквадор) мепайвандад. Маркази муҳими иқтисодӣ, снёсӣ ва маданиии мамлакат. Дар Б. корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, бофандагӣ, пойафзол, электротехника, дӯзандагӣ, полиграфия, химия ва ғ. мавҷуданд. Ун-т, мактабҳои олӣ, музейҳо дорад. Осори меъморӣ: калисои ҷомеъ (1572—1610), калисоҳои Санто-Доминго (1577), Сан-Франсиско (1569—1622), Сан-Игнасио (1625—35). Б.-ро с. 1538 испаниҳо буньёд кардаанд. С. 1819 аз испаниҳо озод гардида, пойтахти республикаи Колумбияи Бузург шуд. С. 1831 пойтахти Гранадаи Нав.

БОГХЕД (аз номи маҳалли Boghead дар Шотландия), навъи ангишти аз обсабзҳо пайдо шудааст. Рангаш бӯри сиёҳтоб. Асосан аз моддаҳои бухоршаванда (75—90%) ва гидроген (8—12%) таркиб ёфтааст. Гармии сӯзиши он 33,5—37,7 МҶ/кг (8000—9000 ккал/кг). Б. барои истеҳсоли сӯзишвории сунъии моеъ, равғанҳои молиданӣ, зифт ва ғ. истифода мешавад. Дар СССР Б. дар ҳавзаи ангишти назди Москва ва дигар мавзеъҳо вомехӯрад.

БОД, шамол, ҳаракати нисбат ба сатҳи замин қариб параллели ҳаво дар атмосфера. Б. асосан ҷойивазкунии уфуқии ҳавост; ҷойивазкунии амудии ҳаво садҳо карат камтар аст ва фақат дар абрҳо ва пуштаҳо ба дараҷаи намоён мушоҳида мешавад. Б. ба туфайли тақсимоти помунтазами фишор, ки натиҷаи дар ҷойҳои гуногун нобаробар будани ҳарор. атмосфера аст, ба амал меояд. Ба ин ҳаракати ҳаво чанд қувва — қувваи

Богота. Майдони Пласа Боливар. Дар маҳали пеш — ҳайкали С. Боливар.

майлдиҳандаи гардиши Замин (ниг. *Қувваи Кориолис*), қувваи соиш ва мавриди ҳаракати каҷхаттаи ҳаво, инчунин қувваи марказгурез таъсир мекунад.

Характеристикаҳои асосии Б. суръат ва самти он мебошанд. Суръати Б.-ро дар наздикии сатҳи Замин бо анемометр чен мекунанд ва он бо м/сон, км/с ё бо узел ифода карда мешавад. Суръати Б.-ро инчунин аз рӯи таъсири он ба предметҳои рӯизамини ба таври визуалӣ такрибӣ муайян кардан мумкин аст. Дар ин маврид суръатро мувофиқи шкалаи Бофорт бо баллҳо ифода мекунанд. Агар суръати ҳаракати Б. 5—8 м/сон бошад, он Б.-и мӯътадил, беш аз 14 м/сон бошад—Б.-и сахт, 20-25 м/сон бошад — тӯфон, беш аз 30 м/сон бошад — тундбод номида мешавад. Ҳангоми циклонҳои тропикӣ суръати Б. то 100 м/сон мерасад. Ҳангоми навазидани Б. ҳаво сокин мебошад. Самти Б.-ро бо *боднамо*, вымпел ё конуси боднамо муайян мекунанд ва бо азимути нуқтае, ки аз он Б. мевазад, нишон медиҳанд. Самти Б. ё бо градусҳо ё аз рӯи системаи 16 румба (мас., Шим., Шим.— Шим.-Ш., Шим.-Ш., Ш.— Шим.-Ш., Ш., Ш.— Ҷ.-Ш. ва ғ.) бо румбҳо ифода мешавад. Ҷараёнҳои ҳаво, ки бо циклону антициклон, пассату муссонҳои тропикӣ алоқаманданд, *циркуляцияи атмосферӣро* ба вуҷуд меоваранд. Ба ҷуз циркуляцияи атмосферӣ дар баъзе районҳо циркуляцияи маҳаллии ҳаво низ мушоҳида мешавад. Бодҳои кӯҳу водӣ рӯзона аз водӣ ба самти кӯҳ ва шабона баръакс мевазанд. Дар нишебиҳои ҷанубии қ-кӯҳҳои Ҳисор бодҳои водӣ тамоми сол мевазанд. Б.-и пирьяхӣ, ки ҷараёни ҳавои сард аст, ба самти поёни пирьях ва кӯҳбода, ки пайдоиши он ба гуногунии рельефи маҳал вобаста аст, аз пуштаҳои кӯҳҳо рӯ ба самти водӣ мевазанд (гармсел ва хокбоди афгонӣ низ ба кӯҳбода мансубанд). *В. А. Латифова.*

БОДА (باد — май, шароб), оҳанге аз таснифоти Борбади Марвист, ки барои Хусрави Парвиз эҷод шудааст. Б. ба силсилаи оҳангу таронаҳои мавсимии давраи Сосониён дохил шуда, дар айни замон номи яке аз гӯшаҳои мусиқии «Ҳафтдастгоҳ» («Ҳафтмақом»)-и Эрон аст. *А. Рачабов.*

БОДБАРАК, навъи бозии бачагон ва мардон, ки аз қадим дар байни халқ маълум буда, хусусияти хоси спортӣ дорад. Аз коғаз, ширеш ва наи тунук тарошида, ба андозаи 30 × 40, 40 × 60 см ва аз ин ҳам калонтар месозанд. Аз миёнҷои коғаз ба дарозии он миённай, аз болои он ба бари коғаз сарнай ва миённаи дигарро мечаспонанд. Баъд аз як гӯша ба диг. гӯша ду наи нисбатан дарозро чилликшакл ба тарзе ширеш мекунанд, ки дар боло ду шох монад. Ба шохҳо коғази ранга ё латтаи нафисро ба шакли байрақча мечаспонанд. Баъди хушк шудани ширеш миённай ва сарнайро бо ресмон таранг кашида, камонтакл мебанданд. Ба ресмони боло аз коғази доштноки нафис ё шохӣ дар-дарак мечаспонанд. Аз ду шох ва аз маркази миённай ришта гузаронида, нӯкҳои ришторо ба шакли секунҷа ба ҳам менайванданд. Ба ду нӯки поёнии найсе шилшила ё дум мебанданд, то ки мувозинати Б. дар ҳаво нигоҳ дошта шавад. Баъди ба ҳаво сар додани Б. дар-дараки ба ларзиш омада садои баланд мебарорад. Навъи диг. Б. *лаклак* ном дорад. Б. ва лаклакбозӣ дар тамоми Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, васеъ паҳн шудааст. *О. Муродов.*

БОДБОН, 1) бурҷе дар Нимкураи ҷанубии осмон. Мунирторин ситораҳояш қадри ситорагии 1,8; 2,0; 2,2; 2,5 ва 2,7 доранд. Шароити мусоиди мушоҳида — моҳҳои янв.-февр.; аз районҳои ҷанубии СССР мушоҳида мешавад. 2) Б.-и киштӣ, матоъ ё лавҳаи ҷаише, ки бо ёрии он энергияи бод ба энергияи ҳаракати киштӣ табдил меёбад. Бод ба Б. таъсир расонда онро ё бевосита фишор медиҳад (ҳангоми нисбат ба бод амудӣ ҷой гирифтани Б.) ё қувваи болобардори аэродинамикӣ (ҳангоми Б.-ро уреб шорида гузаштани ҷараёни ҳаво) ба вуҷуд меорад. Б.-ро аз матои синтетикӣ, баъзан аз бӯрьё ва ғ. тайёр мекунанд. Ниг. *Киштии бодбонӣ.*

БОДГАҲ, деҳа дар С. қ. Шинги р-ни Панҷакент, вил. Ленинобод. Маркази к-зи «Правда». Аз Б. то маркази С. қ. 2 км, то район 46 км, роҳ мошингард. Аҳол. 655 наф. (1976), тоҷикон. Б. дорои мактаби миёна, клуб, шӯъбаи алоқа ва ноҳвойхона мебошад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — тамокукорӣ, ғаллакорӣ (асосан гандум), боғдорӣ. Заминҳо аз д. Оби Сой обьёрӣ мешаванд.

БОДДИҲАК, мошин барои аз ғаллаи кӯфта ҷудо кардани дон. Ҳоло ба ҷои Б. аз *мошини ғаллатозакунӣ* истифода мебаранд.

БОДЕН (Bodensee), яке аз кӯлҳои калонтарини назди Альп, дар сарҳади РФГ, Швейцария ва Австрия. Дар баландии 395 м аз с. б. воқеъ аст. Масоҳ. 538 км². Тӯлаш 63 км, барои 14 км. Ҷои аз ҳама чуқураш 252 м. Соҳилҳояш асосан теппазор, дар Ҷ. Ш.—баланди шахдор. Аз кӯл д. Рейн мегузарад. Дар Б. гулмоҳӣ, налим мепарваранд. Б. киштигард. Ш-ҳои калон ва курортиаш — Констанц, Фридрихсхафен, Линдау (РФГ), Брегенц (Австрия).

БОДИ НАВРӮЗ باد نوروز аз таронаҳои маросимӣ-мавсимии наврӯзист, ки Борбади Марвӣ эҷод кардааст. Б. Н. аз ҷумлаи оҳангҳои сигонаи «Хусравониёт»-и Борбад ва гӯшае дар таркиби «Ҳафтдастгоҳ» («Ҳафтмақом»)-и Эрон мебошад. *А. Рачабов.*

БОДИ ФАТАҲ, ниг. *Чурра.*

БОДИЁН, 1) бодиёни чинӣ (Illicium verum), дарахти ҳамешасабз, мансуби бодиёниҳо (Illiciaceae). Баландиаш то 10 м. Барги бонавбат ҷойгиршудаи ҷилоноки чармгун ва бедандона, гули сафеди зардчатоби дуҷинса ва баргакмева дорад. Ватани Б.-ро Хитой меҳисобанд. Асосан

Бодиён: 1 — шохчаи гулдор; 2 — мева; 3 — тухм.

дар нимҷаз. Вьетнами Ҷанубӣ ва Хитойи Ҷанубӣ паҳн шудааст. Дар СССР (соҳили Баҳри Сиёҳи Кавказ) чун растании ороишӣ мепарваранд. Меваи Б. бӯи хуш ва то 2% равғани

Арпабодиён: 1 — шохчаи гулдор; 2 — гул; 3 — тухм.

эфир дорад. Онро дар тиб барои беҳтар намудани таъми дору ва чун омили беҳшавии кори рӯда истифода мебаранд. Б.-ро дар атриёту машру-

бот ва хуроквори низ ба кор мебаранд. 2) Арпабодиён, розиёна (Foeniculum vulgare), растании як, ду ё бисьёрсолаи алафии мансуби *чатрсулҳо*. Баландиаш то 200 см. Пояи рости сершох, барги сегушаи хиссахояш ресмонтакл, гули майдаи зард, хушгули чатршакл, донаи тирамоканди хушбуй дорад. Июль-авг. гул карда, донаш окт.-сент. мепазад. Б. и худруй дар Эрон, Хиндустон, Хитой, СССР (Осиёи Миёна, Кавказ, Крим) ва г. бисьёр аст. Б. дар мамлакатхои Европаи Миёна ва Чануби, Осиё (Афгонистон, Хиндустон, Хитой, Японня ва г.), Африка, ШМА, инчунин дар СССР (РСФСР, РСС Б ва Кавкази Шимоли) кишт мешавад. Дони Б. ва равгани эфири он аз кадим дар қаннодиҳ, тиб ва атриёт истифода мешавад.

Ад.: Вульф Е. В., Малеева О. Ф. Мировые ресурсы полезных растений, Л., 1929; Скляревский Л. Я., Целебные свойства пищевых растений, М., 1972. *М. Хочиматов.*

БОДИНҶОН, боимҷон (Solanum melongena), растании бисьёрсолаест аз *аврончиҳо*. Пояаш рост, сершох,

Бодинҷон: 1 — намуди умумии, 2 — гул, 3 — меваҳо.

баландиаш то 100 см. Барги гулаш бунафш, мевааш дарозрӯяи кулула ё нокмонанди сафед, сабз, бунафш (0,1—1 кг), 7,1—11% моддаи хушк, 2,7—4% канд, 0,6—1,4% сафеда, 0,1—0,4% равган, витаминҳои С, В, B_2 ва инчунин намакҳои Са, Р, Fe ва г. дорад. Б. зироати сабзавотист. Дар Хиндустону Бирма Б.-и худрӯй ҳаст. Асосан дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ ва дар СССР (асосан дар республикаҳои Закавказия, Чануби РСФСР, РССУ, РССМ, Осиёи Миёна) мекоранд. Дар Тоҷикистон низ ба миқдори зиёд кишт мешавад. Б. зироати намӣ ва гармидӯст, ҳангоми 20—30° С будани харор, ҳаво ва 80% будани намии хок наҳз нашъунамо мекунад. Ба замин тирамоҳ неш аз кишти Б. 25—30 т поруи пӯсида ва 3—4 ц/га суперфосфат пошида, ба чуқурии 25—30 см шудгор мекунанд. Меъёри кишти тухми Б. 3 г/1 м². Б.-ро дар нимаи 2-юми апр. кӯчат мекунанд (60 × 40, 60 × 60, 70 × 70 см). Дар мавсим 15—17 маротиба об ва 2 маротиба гизо (80—100 кг N_2O_5, 30 кг P_2O_5 ва 20 кг/га K_2O) медиҳанд. Ҳосили Б.-ро баъди 110—120 рӯзи кишт (240—470, дар участкаҳои таҷрибавӣ 965 ц/га) меғундоранд. Аз бодинҷонзори тухмӣ 0,5—1,5 ц/га тухмӣ меғиранд. Б.-ро дар саноати консерв барои таёр кардани икра ва сотэ, инчунин пухта ё хушконда истифода мебаранд. Б. хосияти табобатӣ низ дорад. Б. миқдори холестерини хунро кам карда, организмро аз касалиҳои ҷигар, нирозии рагҳо эмин медорад. Дар Тоҷикистон Б.-и навъҳои «Сафедгӯшти 365», «Сиёҳи хушнамо», «Булгории бунафш», «Хитоии дароз», «Шохи зангиҳо», «Дониё 14» ва г. паҳн шудааст. Нихолҳои Б. аз канаи саҳрои ва касалиҳои вилт, фитофтора ва г. зарар мебинанд.

Ад.: Сабзавоткории Тоҷикистон, Д., 1972; Марков В. М. Овощеводство, М., 1974. *Х. Файзиев.*

БОДИРИНГ, хиёр (Cucumis sativus), растании яксолаи полизи аз *кадуҳо*. Дарозии палакаш 1,5—2 м (дар гармхонаҳо то 5—7 м). Баргаш навбатӣ, 5-кунҷаи дандонадор, гулаш қифшакли як, ду ва чудоҳинса. Меваш дарозу борик (аз 5 то 100 см), пӯсташ тунук, сабз, ҳангоми пурра пухтан зарди тӯрдор (40—115 г), сертухм. Намуди Б.-и бетухм (партенокарпӣ) низ мавҷуд аст. Меваш 95—96% об, 4—5% моддаи хушк (аз ҷумла 2—2,5% канд, қариб 1% сафеда, 0,1% равган, 0,7% клетчатка, 0,4% хокистар, витаминҳои С, В, B_2, каротин, кислотаҳои органикӣ, равгани эфир ва г.) дорад. Б. сабзавот аст. Районҳои тропикии Хиндустонро, ки дар он ҷо парвариши Б. 3000 сол неш аз м. маълум буд, ватани Б. меҳисобанд. Б. дар тамоми мамлакатҳои дунёё кишт мешавад. Дар ҳудуди Тоҷикистон Б. дар а. 16 паҳн шудааст. Ҳоло дар СССР қариб ½ ҳиссаи Б.-и дунёе (1973, 158,9 ҳаз. га) кишта мешавад. Кишти Б. дар СССР 16,3% (1970) ва дар Тоҷикистон 13—15%-и майдони кишти умумии сабзавотро ташкил менамояд. Б. зироати равшани, намӣ ва гармидӯст, дар ҳоки хосилхез, ҳангоми харор. 25—27° С, 60—80% будани намии ҳаво ва хок хуб нашъунамо карда, ҳосили баланд медиҳад. Б.-ро дар майдони кушод ва гармхонаҳо мепарваранд. Дар СССР зиёда аз 60 навъ (бештар «Алтайский ранний 166», «Нерослый 40», «Вязниковский 37», «Должик», «Ташкентский 86», «Рябчик 357/4», «Успех 221», «Донской 175» ва г.) дар майдони кушод ва 40 навъ («Клинский местный», «Многоплодный ВСХВ», «Гибрид тепличный 40», «Гибрид Алма-Атинский», «Гибрид ТСХА» ва г.) дар гармхонаҳо кишт мешавад. Дар РСС Тоҷ. Б.-ҳои навъи «Марғелонии 88», «Марғелонии 882», «Дониш 175», «Ҳисории 132»-ро бештар мекоранд. Б. дар замини ҳосилхез, аз шамолҳои сард эмин кошта мешавад; чуқурии кишт 10—27 см,

меъёри кишти тухмӣ 5—7 кг/га, байни раддаҳо 70—90 см ва нихолҳо 6—30 см, дар ҳарор. 12—13° С саросар неш мезанад. Баъди кишт ба бодирингзор ба миқдори 60—100 т/га пуриҳои органикӣ ва минералӣ (нитроген, фосфор ва калийдор то 10—12 ц/га) медиҳанд. Дар 10—15 рӯзи аввал барои нумӯи мӯътадили Б. махсусан нурии нитрогендор, баъд то огози гулшукуфт нурии фосфордор ва дар давраи ҳосилбандӣ нурии нитрогену калийдор лозим аст. Меъёри обьёри (дар 2—3 рӯз 1 бор) 150—500 м³/га мебошад. Ҳосили Б.-ро баъди 60—85 рӯзи кишт 23—31 маротиба меғундоранд. Дар майдонҳои кушод 300—400 ц/га (дар майдонҳои таҷрибавӣ то 1196 ц/га) ва дар гармхонаҳо то 15—35 кг/1 м² ҳосил меғиранд. Б.-ро тару тоза ва дар намуди консерв истифода мекунанд. Нихолҳои Б. аз тортанаккана, ширинча ва касалиҳои бактериоз, антракноз, гардзани ва г. зарар мебинанд.

Ад.: Огурцы, М., 1963; Сабзавоткории Тоҷикистон, Д., 1972; Марков В. М. Овощеводство, М., 1974. *Х. Файзиев.*

БОДИАМО, флюгер, асбоби метеорологӣ барои муайян кардани

самт ва суръати *бод*. Самти бодро паррае нишон медиҳад, ки дар атрофи меҳвари амудӣ ба самти бод чарх мезанад. Суръати бодро аз рӯи тамоюли лавҳачаи металлӣ, ки ҳангоми навазидани бод амудӣ овезон буда, бо таъсири фишори бод ба ягон кунҷ майл мекунад, бо м/сон чен мекунанд. Б.-ро дар нӯги сутуни баландиаш аз сатҳи замин 10—12 м устувор мекунанд. Ба василаи Б. суръати бодро то 40 м/сон чен кардан мумкин аст.



Боднамо (флюгер): 1 — парра; 2 — порсанг; 3 — мила; 4—штифтҳо; 5 — меҳвари уфуқӣ; 6 — лавҳачаи металлӣ; 7—камоне, ки дар он штифтҳо суръати бодро нишон медиҳанд.

БОДОМ, л а в з (Amygdalus), авлоди бутта ё дарахт аз *настаранӣҳо*. Баландиаш то 10 м, сершохи аҳромшакл, барги нештар ё эллипсшакли дандонадор, гули сафед, гулобӣ ё арғувонӣ (фев.-март мешукуфад) дорад. Меваash пӯст, пӯчоқ ва мағз дошта, июль-авг. мепазад, баъди пухтан пӯсташ (перикарп) дукафон мешавад. Пӯчоқаш (эндокарп) вобаста ба навъи Б. сахт (мас., сангбодом) ё мулоим (қоғотак, боғӣ), мағзаш талх ё ширин мешавад ва 31—67% равған, 21% моддаҳои нитрогендор, 13% моддаҳои бенитроген, 4% клетчатка ва ғ.

Бодоми ширидона: 1 — шохчаи гулдор; 2 — шохчаи мевадор; 3 — донак; 4 — мағз.

дорад. Қариб 50 намуди Б. маълум аст. Асосан дар кишварҳои соҳили Баҳри Миёназамин (қариб 30 намуд), Америкаи Шимолӣ (4 намуд), Осиёи Шарқӣ (4 намуд) ва СССР (13—17 намуд) паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. 5 намуди Б. (сиёҳдона ё талхакбодом — A. bucharica, сангбодом — A. petunnikovii, бодомча — A. spinosissima ва ширидона — A. communis, A. vavilovii) вомехӯрад. Б.-и ширидонаро дар Тоҷикистон аз қадимулайём парвариш мекунанд. Б.-ро аз донак зиёд мекунанд, вале ниҳоли аз донак сабзидаи он хасак мешавад. Ба ниҳоли Б.-и хасак навъҳои Б.-и ширидонаро пайванд мекунанд. Б. баъди 2—3 соли кӯчат ҳосил медиҳад. 60—100 сол умр мебинад, соле то 60—80 кг ҳосил медиҳад. Б. растании равшанидӯст ва хушкитобовар аст. Барои бодомзор заминҳои серхоку санглохи нишебиҳои офтобрӯяи райониҳои наздикӯҳӣ мувофиқанд. Ба ҳар га 210—277 бех (6 × 6; 6 × 7; 6 × 8 м) ниҳол мешинонанд. Хоки байни қаторҳои бодомзорро тирамоҳу баҳор шудгор (ба чуқурии 10 см) карда, нурӣ ва 9 маротиба (аз апр.-май то сент.) об мемонанд. Дар республика бештар навъҳои маҳаллии пистабодом, каҷакбодом, азимбойбодом, қоғотакбодом, арақбодом, сангбодом ва ғ., навъҳои европоию америкоии «Дрейк», «Лангедок», «Нонпарейль», «Пирлесс» ва ғ.-ро мепарваранд. Мағзи Б.-и ширидона асосан дар саноати хӯрокворӣ ва қаннодӣ истифода мешавад. Равғани Б.-ро дар атриёт, косметика, тиб ба кор мебаранд.

Ад.: Розанов Б. С., Данилов В. Л., Скороход С. Т., Плодоводство Таджикистана, Д., 1970; Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975.

У. Эшонқулов.

БОДОМТӮ, деҳа дар С. қ. Саричашма, р-ни Москваи вил. Кӯлоб. Терр. с-зи ба номи Жданов. Аз Б. то маркази С. қ. 21 км, то ноҳия 103 км, роҳ мошингард. Аҳол. 374 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, магазин, фермаи говпарварӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ ва кирмакдорӣ. Аҳолӣ аз оби чашма истифода мебарад.

БОДОМЧА (Amygdalus spinosissima), як намуди бодоми худрӯй, ки дар Осиёи Миёна (Помиру Олой, Тиёншони Ғарбӣ, Копетдоғ), Афғонистон паҳн шудааст. Ниг. низ *Бодом*.

БОДРЕЗАК, 1) меваи кирмзада, иллатнок ё пухта расидаест, ки ҳангоми шамол мерезад. Дар баъзе маҳалҳо «кирминак», «беморак» низ меноманд. 2) Баъзан меваҷоти пешпазакро ҳам Б. меноманд. Мас., анҷири пешпазак, яъне Б.-и онро «бодаҷир» ё «гуланҷир» («гули анҷир») меғӯянд. 3) Меваи хом ё нимпазест, ки дар натиҷаи беҳад зиёд гулу мева кардани растанӣ рехтааст. 4) Меваест, ки аз ҳамобӣ ва гармбод (тафбод) мерезад.

БОДХЕЗ, қӯруқ дар РСС Туркм., дар доманаи к. Парупомиз (байни д. Таҷан ва Мурғоб). Масоҳ. 86 ҳаз. га. С. 1941 барои муҳофизати ландшафтҳои хоси даштҳои субтропикӣ ва нимбиёбонӣ ташкил ёфт. Дар даштҳо ғеша, хелҳои гуногуни алаф ва чатргулҳои азим, дар кӯҳҳо писта мерӯяд. Аз 600 намуди растаниҳои дараҷаи олӣ 60-тоаш эндемист: лолаи кӯшкӣ, нахӯдаки агалитӣ, ғаваи ва ғ. Б. ягона ҷоест, ки дар шароити табиӣ гӯрхар (тақр. 700 сар) боқӣ мондааст. Инчунин оҳу, гепард, кафтор вомехӯрад. Хояндагон, калтакалосҳо (калонтаринашон сусмор), морҳои заҳрдор бисьёранд. Дар кӯҳҳо гӯсфанди кӯҳӣ, бузи безоарӣ, паланг, қашқалдоқи бемӯй, ҷайра ва ғ. ҳаст. Ба Б. паррандагон барои зимистонгузаронӣ меоянд.

БОДХӮРДА, б о д и х ӯ р а, бемории бардавоми сироятӣ-аллергии системаи узвҳо ва пӯст. Сабаби Б. ҳанӯз маълум нест. Аммо сабабҳои огози бемориро ниҳоят хунукхӯрии бадан, тоб наовардан ба баъзе дорухо, нурҳои ультрабунафш ва рентгенӣ, ҳомилагӣ, сиқти ҷанин ва ғ. медонанд.

Ҳангоми Б.-и с и с т е м а в ӣ (коллагеноз) рагҳои хун ва бофтаҳои пайвандӣ пурра осеб меёбанд. Дар вақти Б.-и ҷ у з ъ ӣ дар пӯсти чеҳра лаккаҳои сурхи гирдаи «шабпаракмонанд» падид меоянд ё иллат пӯсти рӯ, гардан, тана ва дасту поро фаро мегирад.

М у о л и ҷ а: қабули кортикостероидҳо (ҳангоми Б.-и системавӣ) ва дорухои зидди варача (ҳангоми дигар намудҳои Б.), витаминҳои B_2, B_{12}, PP.

БОДЮЛ Иван Иванович (тав. 3. 1. 1918, деҳаи Александровкаи губ. Николаев), ходими партиявӣ ва давлатӣ. Аъзои КПСС аз с. 1940. Аз оилаи деҳқон. С. 1937 техникуми агрономии Вознесенск, 1942 Академияи ҳарбӣ-ветеринарӣ, 1958 Мактаби олии партиявии назди КМ КПСС-ро хатм кардааст. Аз с. 1942 дар вазифаҳои фармондеҳии Армияи Советӣ, 1946—51 дар аппарати Совети Вазирони РСС Молд., сонӣ дар ҳайати намояндагии Совети оид ба корҳои колхозҳо дар назди Ҳукумати СССР кор кард. Аз с. 1951 дар корҳои масъули партиявӣ. С-ҳои 1958—59 дар аппарати КМ КПСС кор кард, 1959—61 котиби дуюм ва аз маи 1961 котиби якуми КМ ПК Молд. интихоб гардид. Аз с. 1961 аъзои КМ КПСС. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 5—9). Бо 2 ордени Ленин, 3 ордени диг. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОДҒЕЛАК, х о р и ғ е л о н, ш у т у р и ш к а м (Salsola pastifera), гиёҳи яксола аз *шӯраиҳо*. Пояи аз буғаш шохрондаи серхораш то 1,5 м баланд мешавад. Барги майдаю борики паи ҳам ҷойгиранда, гули майдаи беранг ё гулобӣ ва меваи лӯнда дорад. Июль-авг. гул карда, сент.-окт. мева мекунад. Асосан дар гилхок, хоки регу сангчадор, шӯрзамин, чун алафи бегона дар киштзор ва ғ. мерӯяд. Дар ноҳиҳои Баҳри Миёназамин, Осиёи Хурд ва Маркази,

Америкаи Шимолӣ ва СССР (Осиёи Миёна, Кавказ, Қисми европой, Сибирь) паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. дар к-кӯҳи Зарафшон, мавзеъҳои Сирдарьё, Тоҷикистони Ҷанубӣ, Шарқи ва Помири Ғарбӣ дучор меояд.

Наврустаи Б.-ро бузу гӯсфанд нагз меҳурад. То давраи гулаш онро барои хошоку силос истифода мебаранд. Тухми Б. то 17,5% равған дорад. Бо шираи Б. мӯйнаро ранг мекунанд. Б.-ро дар собунпазӣ ва чун сӯшиворӣ истифода мебурданд. Дар тибби халқ бо чӯшоб ва афшураи алафи Б. касалиҳои пӯстро табобат мекарданд. Б. ба миқдори кам алкалоид, витамини С, каротин, кислотаҳои органикӣ ва намакҳои минералӣ дорад.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 3, Л., 1968. *М. Ҳоҷиматов.*

БОЗ (Falco), ҷинсе *паррандаҳои сӯҳибмонанд*, бо ҳамин ном оилаи маҳсусро ташкил мекунад ва тақрибан 40 намуд дорад, ки онҳо ғайр аз Антарктида дар ҳамаи китъаҳо паҳн шудаанд. Дар СССР 9, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 5 намуди Б. зиндагӣ: Б. ҷелаҳ — F. peregrinus, *раҳ* — F. subbuteo, *ҳарг* — F. tinnunculus, F. naumanni, *шуҳмор* — F. cherrug) мешиҳурад.



Б. ҷелаҳ (Falco peregrinus)

Вазни Б. то 2 кг, дарозиаш бадараш то 60 см, болаш борик, думаш кӯтоҳ, параш зич ва бечило. Дар давраҳ, ҳар ва миёнаҳои кӯҳ лона мегузорад. Баъзан лонаи дигар паррандаҳоро ҳам ишғол мекунад. 2—6 тухми ҳаҳваранги доғдор мегузорад. Б. ҳарҷуна ҷӯҷаҳоро ҳангоми парвозаш шикор мекунад. Б.-ҳои майда ҳашарот ва ҳоҳандаҳоро ҳам меҳуранд.

Ад.: Флинт В. Е., Бёме Р. Л. (ва диг.), Птицы СССР, М., 1968; Абдусалямов И. А., Фауна Таджикской ССР, т. 19, ч. 1, Птицы, Д., 1971. *И. А. Абдусаломов.*

БОЗГӮЙ بازگوی дар рафти ичрои оҳанг такроршавии байтҳои ин ё он мақом, шӯъба, гӯшаи мусиқӣ. Одатан, пас аз *«Сарҳона»* ва *«Миёнхона»* меояд. Б. дар қисмати созии мақом мавқеи калон дорад. *А. Раҷабов.*

БОЗДОДИ ҶИНОЯТКОРӢ, экстрадиция (дар ҳуқуқи байналхалқӣ), барои ба ҷавобгарӣ кашидан ё ба ичро расондани ҳукм супурдани чинояткор аз тарафи давлате, ки чинояткор дар ҳоки он аст, ба давлате, ки дар терр. он ҷиноят содир шудааст ё ба давлате, ки чинояткор граждании он аст. Масъалаи Б. ҷ. бо роҳи дипломатӣ, дар асоси конвенцияҳои байналхалқӣ ё шартномаҳои байни давлатҳои ҷудогона, қонуни давлатҳои ҷудогона ҳал карда мешавад. Чунин конвенцияҳо дар а. 19 маъмул шуда буданд. Б. ҷ. ғайр аз созишномаҳои байналхалқӣ, дар қонунгузории дохилии баъзе мамлакатҳо (Британияи Кабир, Бельгия) низ муайян карда шудааст. Мувофиқи созишномаи с. 1923 барои муборизаи зидди ҷинояткорон ташкилоти байналхалқии полиция оид ба корҳои ҷиноятӣ — «Интерпол» таъсис карда шуд. Шахсоне, ки барои ҷиноятҳо сиёсӣ таъқиб карда мешаванд, бархардонида намешаванд. Масъалаи ба суди одилона кашидан ва боздоди ҳатмии ҷинояткорони ҳарбӣ дар якчанд декларация, қарору шартномаҳои давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва баъди ҷанг («Декларация дар бораи ҷазо додан барои ҷиноятҳои дар давраи ҷанг содиркарда» аз 13 янв. 1942, Декларацияи москвагии сардорони давлатҳои СССР, ШМА ва Англия аз 30 окт. 1943, Изҳороти се давлати иттифоқчӣ—Иттифоқи Советӣ, ШМА ва Англия дар конференцияи Ялта ва г.), дар шартномаҳои сулҳ бо иттифоқчиёни собиқи зидди Германияи гитлерӣ, инчунин дар резолюцияҳои Ассамблеяи Генералии ТДМ аз 13 февр. 1946 ва 31 окт. 1947 ҳал карда шуда буд. Аммо мамлакатҳои капиталисти бо ҳаракати революционии синфи коргар ва ҳаракати миллию озодихоҳи муборизаи бурда, ҳуқуқи панаҳобариро маҳдуд ва вайрон мекунанд, ҷинояткорони ҳарбиро бо ҳар гуна баҳонаҳои беасос ба давлате, ки дар терр. он ҷиноят содир карда шудааст, бармегардонанд. Иттифоқи Советӣ, ки ба ӯҳдадориҳои байналхалкии худ содиқ аст, бар зидди кӯшишҳои давлатҳои империалистие, ки ҷинояткорони ҳарбиро аз суди одилонаи халқҳо пинҳон ҳардани мешаванд, муборизаи мебарад, зеро ҷазои одилона ба ҷинояткорони ҳарбӣ яке аз воситаҳои мустаҳкам намудани сулҳи пойдор мебошад.

БОЗДОРӢ дар физиология, процесси фаъоли асаб, ки ҳаячонро бозмедорад. Б. ва ҳаячон процессҳои асосии асабӣ мебошанд. Онҳо кори мӯътадили узвҳои ҷудогона ва тамоми баданро таъмин менамоянд. Б. дар фаъолияти олии асаб (дар дарк намудани муҳити атроф, таҳлили фаъолияти ҳаётӣ, хоб, ҳаракат) ва муҳофизати қишри майна аҳамияти калон дорад.

Ҳодисаи аз ангезиши асаби гумроҳ боздошта шудани кашишхӯрии дилро олимони немис бародарон Э. Г. ва Э. Вебер (1845) ва Б.-и марказиро И. М. Сеченов (1862) кашф карда буданд. Яке аз қонуниятҳои фаъолияти мағзи сар аз тарафи нимкураҳои калон ҳамеша ва ба тартиби муайян боздошта истодани фаъолияти қисмҳои зериқишрӣ, аз ҷумла қисми тӯршакли танаи мағзи сар мебошад. Дар навбати худ қисми тӯршакл ба мунтазамии фаъолияти қишри мағзи сар ёрӣ мерасонад. Тарзи ба амал омадани Б. гуногун мебошад. Б. ҳифзӣ, берунӣ ва дарунӣ мешавад. Б.-и ҳифзӣ ҳуҷайраҳоро аз таъсири хатарноки ҳаячони ниҳоят зиёд ҳимоя мекунад. Б.-и берунӣ хусусияти модарзодӣ, ғайришартӣ ва ғайрифаъол дорад ва ба фаъолияти рефлексии шартӣ ва ғайришартӣ хос аст. Б.-и дарунӣ фаъол буда, дар рафти ҳаёту таҳрибаи шахсӣ ташаккул меёбад. Асосгузор ва такмилдиҳандаи назарияи Б.— И. П. Павлов.

БОЗЕ (Bose) Бос Шатьондранат (тав. 1.1.1894, Калкатта), физики ҳинд. Аъзои Ҷамъияти подшоҳии Лондон (1958). Проф. миллии Ҳиндустон (1958). С. 1915 Ун-ти Калкаттаро хатм кард. С-ҳои 1924—25 дар Париж таҳти роҳбарии *М. Склодовская-Кюри* кор кард. Проф. Ун-ти Дакка (1926—45) ва Калкатта (1945—56). Корҳои илмии Б. асосан ба статистикаи квантӣ оиданд. Б. формулаи Планкро барои тақсимоти энергияе, ки ҷисми мутлақ сиёҳ меафканад, татбиқ кард ва онро такмил дод. Дар айни ҳол ӯ чунин нуқтаи назарро ба асос гирифт, ки мувофиқи он ду ҳолати системаро, ки бо ҷойивазкунии квантҳои якхела дар фазои фазаи аз ҳамдигар фарқ мекунанд, айниятан якхела ҳисобидан мумкин аст. Усули Б.-ро А. Эйнштейн инкишоф дода, онро ба *гази идеалӣ* татбиқ намуд ва бо ҳамин статистикаи квантии Бозе-Эйнштейнро асос гузошт (нег. *Физикаи статистикӣ*). Заррахои тобеи ин статистикаро бозе-зарра ё *бозон* меноманд.

БОЗЕ-ГАЗ, Гази Бозе, гази иборат аз заррахое, ки байни худ таъсири мутақобил намекунанд ва тобеи статистикаи Бозе-Эйнштейн мебошанд. Ба ин гурӯҳи заррахо гази фотони ва инчунин газҳои квазизарраги тааллуқ доранд.

БОЗЕ-ЗАРРА, ҳаммаъноии *бозон*.

БОЗИЧА, предмет барои бозии ба ҷаҳо, асари санъати ороиши амали. Ба тарбияи ақлӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва

эстетикии бачаҳо мусоидат намуда, барои донистани ҳақиқати олами атроф ёрӣ мерасонад, инчунин тафаккур, нутқ, хотирро инкишоф дода, ташаббуси эҷодии онҳоро бедор мекунад. Тип, характер, мазмун ва ороиши Б. вобаста ба синну сол, инкишоф ва манфиати бачаҳо вазифаҳои конкретии тарбиявӣ дорад. Ҳамчун асари санъати ороишӣ-амалӣ хусусан Б. миллӣ-анъанавӣ дар интерьери ҳозиразамон ба сифати унсурҳои ороишӣ истифода мешаванд. Мазмун ва шакли Б. ба сохти иҷтимоии ҷамъият ва дараҷаи маданияти он бевосита алоқаманд аст. Б.-ҳо дар шакли образҳои одамон, ҳайвонот, олоти меҳнат, ашьёи зиндагӣ аз давраҳои қадим маълум буданд: лӯхтакҳои аз чӯб ва матоъ сохташуда, шаклҳои ҳайвонот, тӯбҳои чармин ва ғ. Қадимтарин Б.-ҳое, ки ҳангоми ҳафриёти археологӣ дар ҳудуди Иттифоқи Советӣ ёфт шудаанд, ба асри биринҷӣ тааллуқ доранд. Он Б.-ҳо нусхаи ашьёи зиндагӣ ва олоти меҳнати деҳқонон аст.

Халқи тоҷик Б.-ҳои бостонии худро дорад. Б.-и аз лой сохташуда дар Осиёи Миёна аз давраҳои қадим маъмул аст. Устоҳои гулдасти бозичасози Ленинобод, Ӯротеппа, Қаротег ва диг. ҳоло ҳам ин анъанаро давом медиҳанд. Ин-тҳои тадқиқоти илмии бозичаҳои СССР барои дастрас гардонидани Б.-и халқҳои СССР корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Б. ба бозиҳои сюжетнок, спортӣ, дидактикӣ, бинокорӣ, конструкторӣ тақсим мешавад. Ҳар Б. вазифаи ба худ хос дорад.

Н. Турсунов.

БОЗИҲОИ БАЧАҲО́, яке аз воситаҳои тарбияи ақлӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва эстетикии бачаҳо. Дар бозӣ ҳолатҳои рӯҳӣ: эҳсос, идрок, тафаккур, хаёл, хотир, ирода ва ғ. инкишоф меёбад. Дар Б. б. мазмунан фаъолияти калонсолон инъикос меёбад ва онҳо се хусусият доранд: бача бозиро озод ва бо майли худ иҷро мекунад, дар бозӣ иштирок карда, эҷодкорӣ менамояд, дар бозӣ саргарм шуда, ба завқ меояд ва дар вай ҳисси дӯстию рафоқат меафзояд. Б. б. ба бозӣ бо бозичаҳо, бозиҳои таклидӣ, бозиҳои ҳаракатнок ва бозиҳои дидактикӣ тақсим мешавад: 1) бозӣ бо бозичаҳо асосан ба бачаҳои синну соли томактабӣ хос аст (мас., шақшақабозӣ, регбозӣ ва ғ.); 2) дар бозиҳои таклидӣ бачаҳо ба фаъолияти калонсолон таклид мекунанд. Ин бозиҳо воқеаҳои муҳити атрофи бачаҳоро акс менамоянд (мас., «хӯрокпазӣ», «хонасозӣ» ва ғ.). Баробари камолоти бачаҳо бозиҳояшон ҳам мураккабтар мешавад; 3) бозиҳои ҳаракатнокро бачаҳо танҳо ё гурӯҳ-гурӯҳ иҷро мекунанд (мас., чашмбандак, акколбозӣ, аскарбозӣ ва ғ.). Ин бозиҳо бештар ба бачаҳои синни мактабӣ хос буда, саломатию иродаи онҳоро мустаҳкам ва қобилияташонро афзун мекунанд; 4) бозиҳои дидактикӣ барои тарбияи ақлии бачаҳо аҳамият доранд. Дар ин бозиҳо эҳсос, идрок, диққат, хотир инкишоф ёфта, бештар ба бачаҳои гурӯҳи калони боғча ва барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ хосанд (мас., лотобозиҳои махсус, чистон ва ғ.).

Н. Турсунов.

БОЗИҲО́И ОЛИМПӢ, 1) ид ва мусобиқаҳои оммавӣ дар Юнони Қадим. Мувофиқи анъанаи таъриҳӣ аз с. 776 то м. ҳар 4 сол як бор дар шаҳрчаи Олимп (шимолу ғарбии Пелопоннеси вил. Элида) гузаронида мешуд. Дар ш. Олимп ғайр аз стадионҳо ва гимнасия (машқгоҳ), ҳарамҳо низ вуҷуд доштанд, ки дар онҳо маҳсулоти хоҷагии халқ намоиш дода мешуд. Рӯзҳои кушодашавии Б. о. дар шаҳр баробари варзишгарон олимон, файласуфон, навозандагону рассомони машҳур ва арбобони давлатӣ ҷамъ меомаданд. Дар мусобиқа варзишгарон аз рӯи вазнбардорӣ, шамшерзанӣ, найзапартой, камонкашӣ, муштҷанг, давидан ва ғ. қувва озмуда, анъанаҳои гуногунро намоиш медоданд. Ғолибон бо мукофотҳо тақдир карда мешуданд.

2) Калонтарин комплекси мусобиқаҳои спортии байналхалқии замонавӣ. Принсип, қоида ва низомномаҳои Б. о.-ро конгресси байналхалқии с. 1894-уми Париж, ки дар он намояндагони 34 мамлакат иштирок доштанд, муайян кардааст. Конгресс инчунин органи роҳбарикунандаи Комитети байналхалқии олимпӣ (КБО)-ро таъсис намуд. Аввалин Б. о.-и замонавӣ с. 1896 дар Афина гузаронида шуданд ва аз с. 1924 инҷониб Б. о.-и зимистона низ гузаронида мешаванд.

Аввалин маротиба варзишгарони советӣ дар Б. о.-и XV дар Хельсинки (1952) иштирок намуда, муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. Онҳо соҳиби 22 медали тилло, 30 медали нуқра ва 19 медали биринҷӣ гардиданд. Дар Б. о.-и XX-и Мюнхен (1972) варзишгарони советӣ 50 медали тилло, 27 медали нуқра ва 22 медали биринҷӣ гирифтанд, ки дар ин ҷомъёбӣ варзишгарони тоҷик низ ҳисса гузоштаанд. Спортсменҳои советӣ дар Б. о.-и XXI-и Монреаль (1976) 47 медали тилло, 43 медали нуқра, 35 медали биринҷиро соҳиб шуданд. Б. о.-и навбатӣ с. 1980 дар Москва мегузаранд.

Т. М. Суярқулов.

БОЗО́Н, бозе-заррa, заррае, ки спини бутун — 0, 1, 2, ... (бо $\hbar$ воҳидҳо, $\hbar = \frac{h}{2\pi}$, h — собитаи Планк) дорад. Б. тобеи *статистикаи Бозе-Эйнштейн* аст (номаш ҳам аз ҳамин ҷо пайдо шудааст). Ба синфи Б.-ҳо инҳо дохил мешаванд: кванти рушной — фотон (спинаш s = 1), кванти майдони ҷозиба — гравитон (s = 2), зарраҳои элементарии ноустувор — мезонҳо ва резонансҳои бозонӣ ва инчунин зарраҳои таркибии иборат аз адади ҷуфти фермионҳо (заррaҳое, ки спини нимбутун доранд) — мас., ядроҳое, ки аз адади ҷуфти протонҳову нейтронҳо таркиб ёфтаанд ($_1^2$Д, $_2^4$Не ва ғ.), молекулаҳои газҳо. Квазизарраҳои спинашон бутун (ё 0) — мас., фононҳо дар ҷисми сахт ва ^{4}Не-и моеъ, экситонҳо дар нимноқилҳо ва диэлектрикҳо ҳам ба Б.-ҳо тааллуқ доранд. Ниг. *Физикаи статистикӣ*.

БОЗО́Р (аз бо — яъне хӯроки пухта ва суффикси зор), дар ибтидо ҷои таомфурӯшӣ ва таомхӯриро мефаҳмондааст. Ба маъноҳои боз овардан — боз+ор, равнақи муомила ва савдо низ омадааст. Мувофиқи маълумоти баъзе маъхазҳо Б. дар замонҳои қадим ҳамчунин ҷои ҳунарнамой, худситой, зӯрозмой, мубоҳисаю мушоираи олимону шоирон, ҳар гуна бозиҳо (шатранҷ, дорбозӣ, раққосӣ, мутрибӣ ва ғ.), мусобиқаҳо (ғӯштигирӣ, ҷанг андохтани чорпоён ва паррандагон, тирандозӣ), намоиши ҳусну зебой (аз ин ҷо ибораи «бозори ҳусн») будааст. Б. ҷои муайяни харидуфурӯши мол буда, дар натиҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва моликиятдор шудани истеҳсолкунандагон пайдо шудааст. Дар ҷамоаи авлодӣ мубодилаи бевосита мол аввалин шакли Б. буд. Дар ин шакли Б. одамон маҳсулоти зиёдатиро байни худ иваз мекарданд. Дар баробари пайдоиши пул хусусияти Б. тағйир ёфта, пул воситаи мубодилаи мол мегардад, доираи Б. васеъ шуда, дар байни шаҳру қишлоқ ва мамлакатҳо мубодилаи мол авҷ мегирад. Ривоҷи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар байни шаҳру қишлоқ, истеҳсоли мол, инкишофи муносибатҳои молию пулӣ боиси пайдоиши Б.-и дохилӣ (миллӣ) гардид. Дар замони капитализми мутараққӣ, ки рақобат боз ҳам тезутундтар мегардад, Б.-и дохилӣ тангӣ карда, Б.-и берунӣ (ҷаҳонӣ) бештар аҳамият пайдо мекунад. Б.-и ҷаҳонӣ дар давраи мануфактураи капиталистӣ дар а. 16 пайдо шуда, дар а. 19 шакли муайянро гирифт. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Б.-и ҷаҳонӣ ба Б.-и ҷаҳони капиталистӣ ва Б.-и ҷаҳони социалистӣ ҷудо шуда бошад ҳам, савдои умумиҷаҳонӣ боқӣ монд. Ниг. низ *Савдои берунӣ*.

БОЗО́Р СОБИ́Р (фам. Собиров; тав. 20.10.1938, деҳаи Сӯфиёни р-ни Файзобод), шоири советии тоҷик. Аз оилаи хизматчӣ.

Маълумоти миёнаро дар интернати давлатии Ҳисор гирифтааст. С. 1962 фак-ти таъриху филологияи Ун-ти давлатии Тоҷикистонро хатм намуд. Аз ҳамон вақт дар кори журналистӣ — аввал ходи-

ми адабӣ ва мудири шӯъбаи газ. «Маориф ва Маданият», аз с. 1975 мудири шӯъбаи назми журн. «Садои Шарқ». Аввалин шеърҳояш с. 1960 ба табъ расидаанд. Аксари навиштаҳояш дар газетаву журналҳо чоп шудаанд. Муаллифи маҷмӯаҳои «Пайванд» (1972) ва «Оташбарг» (1974). Дар шеърҳои Б. С. тасвири табиати кӯҳсори тоҷик, ёди лаҳзаҳои ширини айёми бачагиву наврасӣ, андешаҳои амиқ оид ба воқеаҳои таърихи халқи тоҷик, васфи меҳнати фидокорона ва қаҳрамонҳои халқи советӣ мавқеи муҳим доранд. Дар қолабҳои анъанавӣ ва бо усули «арӯзи озод» шеър менависад. Қисме аз шеърҳояш ба забонҳои руси, украинӣ, ӯзбекӣ, армани, гурҷӣ, литвоӣ тарҷума шудааст. Аз осори Ҷ. Байрон, П. Неруда, С. Есенин, Э. Межелайтис, А. Рембо ва диг. адибони советию хоричӣ ба забони тоҷикӣ тарҷумаҳо дорад. Аз с. 1973 узви ИН СССР. Бо Грамотаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст. *А. Абдуманнонов.*

БОЗОРДАРА, дигмаи шаҳри а-ҳои 10—12 водии д. Бозордара — шохоби чапи Мургоб дар Помири Шарқӣ.

Корвонсарои Бозордара

Тадқиқоти археологии Б. с. 1964 сар шуд. Б. аз се қисм иборат аст. Қисми маркази корвонсарои буда, масоҳ. тақрибан 400 м², бо деворҳои сангин иҳота аст, қисми дуюм аз кӯчаи марказӣ ва кулбаҳои хурд аз яксоҳаи суфа ва оташдондор иборат буд. Ду толор ва ошхонаи умумӣ низ доштааст. Тадқиқоти работаш (тақр. 900 м²) с. 1973 оғоз ёфт. Ч. Ш. Ҳикматтоҳ кушода шуд. Аз рӯи сохти ҳавлӣ ва бозёфтҳо машғулиятҳо се сокини он муайян гардид. Яке мусадуа, диг. миснгар ва сеюмин ҳаммол будааст. Гӯрпистонаш бештар аз 450 қабр дорад, ки пуштаҳои сангини он ростқунҷа будаанд. Қабрҳои ҳамвор низ ҳастанд, ки аз ду тараф (сар ва пои мурда)-и он сангҳо рост монда шудаанд. Лаҳад чунин сохт дорад: қуттии сангини бетаг, ки чор тарафаш аз тахтасанги бутун ё аз ду қатор санг иборат буда, ба болояш 2—3 тахтасанг гузошта шудааст. Мурдаҳо рӯ ба боло хобидаанд. Ҷасадҳо кафан доранд. Бозёфтҳои Б. дар бораи тараққиёти кулолӣ, коркарди чӯбу тахта ва фулузот шаҳодат медиҳанд. Зарфҳои бисьёри кадугин ёфт шуданд. Барои сохтани ашёҳои ороиш сокинон аз шиша, сангҳои гуногун ва ҳамира (гили пухта) истифода мебурданд. Аз матоъҳои пахтагин, пашмин, шоҳиворин рангаю нақшин, инчунин пӯст ва чарм либос медӯхтанд. Пойафзолашон намадин ва чармини гулдӯзӣ буд. Асбобҳои мусиқии ду ва чорторӣ доштанд. Аз устухон донаҳои шатранҷ месохтанд. Дар қисми марказӣ ва работ порчаҳои ҳуҷҷатҳо ёфтаанд, ки ба забони тоҷики навишта шудаанд. Дар хоҷагӣ бузу гӯсфанд аҳамияти калон дошт. Аҳолӣ бо деҳконӣ, шикор ва моҳидорӣ машғул мешуд. Истеҳсоли нуқра низ маълум буд. Конҳои қадимаи он дар водии Б. ёфт шуд. Бозёфтҳои маданияти моддӣ шоҳиди онанд, ки Б. бо Помири Ғарбӣ, ноҳияҳои Осиёи Миёна, Туркистони Шарқӣ, Афғонистон, Ҳиндустон робитаи мадани ва тиҷорати дошт. *М. А. Бубнова.*

БОЗОРИ КАПИТАЛИСТӢИ ҶАҲОНӢ, маҷмӯи бозорҳои миллии мамлакатҳои ҷаҳони капиталистӣ, ки байни худ бо савдои беруниӣ алоқаманданд. Б. к. ҷ. дар а. 16 дар даврае капитализми мануфактурӣ ба вуҷуд омада, дар а. 19 дар натиҷаи ғалабаи тарзи истеҳсолоти капиталистӣ ва инкишофи саноати калони машинӣ дар як қатор мамлакатҳои Европа ва ШМА бо суръат васеъ мегардад. Дар Б. к. ҷ. анархия ва рақобат ҳукмрон буда, дар байни давлатҳои империалистӣ ва монополияҳо барои бозор ва манбаъҳои ашёи хом муборизаи шадид меравад. Тараққиёти нобробари мамлакатҳои капиталистӣ дар даврае империализм ва тезу тундии масъалаи бозор дар даврае бӯҳрони капитализм боиси авҷ гирифтани муборизаи байни монополияҳо барои аз нав тақсим кардани бозори ҷаҳонӣ гашта, савдо ва ҳисобкитоби байналхалқӣ вайрон мешавад. Иттиҳодияҳои иқтисодии байнидавлатии «Бозори умумӣ» ва «Ассоциацияи Европоии савдои озод» (ЕАСТ) ҳам маҳз барои ислоҳи мавқеи поустувори монополияҳо дар Б. к. ҷ. ташкил карда шудаанд. Ин блокҳои иқтисодӣ рақобати байнимпериалистиро бартараф накарда, баръакс боз ҳам зиёд менамоянд. Фақат дар шароити системаи хоҷагидории социалистӣ ва дар асоси принципҳои бозори социалистии ҷаҳонӣ баробарҳуқуқӣ ва фоидаи тарафайни давлатҳо имконпазир аст.

БОЗОРИ СОЦИАЛИСТӢИ ҶАҲОНӢ, мубодилоти байналхалқии планиии мол дар байни мамлакатҳои социалистӣ. Б. с. ҷ. баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар натиҷаи ташкил ёфтани системаи социалистии хоҷагии ҷаҳонӣ, ташкили алоқаҳои васеи хоҷагӣ ва савдои беруниии давлатҳои социалистӣ ба вуҷуд омад. Асоси мубодилоти молӣ дар Б. с. ҷ. тақсимоти байналхалқии социалистии меҳнат мебошад. Мубодилоти моли мамлакатҳои социалистӣ аз *бӯҳронҳои иқтисодӣ* ва диг. хислатҳои ба капитализм хос озод буда, боиси пешрафти техникӣ, афзоиши истеҳсоли оммавии маҳсулоти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, беҳтар гардидани сифати молҳои сермасриф ва г. мешавад. *Интеграцияи иқтисодии социалистӣ*, ки мамлакатҳои аъзои Совети ёрии байниҳамдигарии иқтисодӣ ба амал татбиқ менамоянд, Б. с. ҷ.-ро боз ҳам мустаҳкам мекунад. Дар солҳои охир савдои мамлакатҳои социалистӣ бо давлатҳои капиталистӣ ва давлатҳои чавони рӯ ба тараққиниҳода низ инкишоф ёфта истодааст.

«БОЗОРИ УМУМӢ», нг. *Иттиҳодияи иқтисодии Европа.*

БОЗОРОВ Мирзоқул (1907, деҳаи Қизилпилоли ҳозира р-ни Исфара — 14. 5. 1974, ҳамон ҷо), пахтакор, ветерани ҳаракати сохти к-ои, Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1957), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1947). Аъзои КПСС аз с. 1940. С-ҳои 1939—

34 колхозчии к-зи ба номи Цюрупа, 1934—64 раиси к-зҳои «Большевик», «Пахтакор», «Коммунизм» ва ба номи Свердлови р-ни Исфара буд. Б. дар давоми 30 соли раисӣ ҳосили баланди пахта рӯёнд ва дар тарақ-ҚИи пахтакорӣ саҳми арзанда гузошт. Дар Съездҳои 10, 11 ва 13-уми ПК Тоҷ. аъзои комиссияи тафтишоти КМ ва депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 5) интихоб шудааст. Бо 2 ордени Ленин, ордени БайраҚи Сурхи Меҳнат ва медальҳо (аз ҷумла медальҳои тиллою нуқраи НКХХ СССР) мукофотонида шудааст.

БОЗОРОВ Пирмат (1904, деҳаи Чигдалики Конибодом — 1956, деҳаи Қарақчиқуми р-ни Конибодом), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). С-ҳои 1930—41 колхозчӣ, сардори звенои к-зи «Инқилоб», 1943—56 оброн ва сардори звенои к-зи «Коммунизм»-и р-ни Конибодом буд. Звенои Б. с-ҳои 1945—47 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Бо ордени Ленин, ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОЗОРҚАЛЪА, ёдгории давраи биринчӣ дар поёноби Амударьё мансуб ба а-ҳои 15—12 то м. Бозьёфтҳои Б. дар бораи бо зироаткорӣ ва чорводорӣ машғул будани қабилаҳои маҳаллӣ маълумот медиҳанд. Дар ҳамин ноҳия бошишгоҳҳои ба Б. монанди Ёнбош-6, Бозор-2 ва 4, Кӯкча-2 тадқиқ шудаанд. Ин ёдгориҳои маданияти Суюрғон бо номи Б. машҳуранд. Омӯзиши ёдгориҳои Б. дар хусуси робитаҳои иқтисодӣ ва маданиии қабилаҳои чорводори шимол ва муносибати онҳо бо деҳқонони ҷанубӣ Хоразми қадим маълумот медиҳанд.

БОЗУБАНД بازوبند маснуоти заргарӣ, асбоби зинати занон. Ба гардан ё зери каш меовезанд. Шаклан қуттичаест, ки аз тилло ё нуқра сохта, ба дарунаш бештар хат, баъзан пул меандохтанд. Ба ду тарафи сарпӯши Б. занҷир илҳоқ мекунанд, ба зераш аз сими нозук панҷара меовезанд, ба



1405

болояш санги қиматбаҳо мемонанд ва нақшҳо мекашанд. Ба бурҷ ва занҷири баъзе Б. тангаҳо ва ба онҳо зангӯлачаҳо меовезанд. Ба рӯи сарпӯшаш панде ё санае менависанд. Б. аз маснуоти хеле меҳнатталаб ва қиматбаҳост. Дар гузашта чун тӯмор низ машҳур буд ва ба арӯсшаванда падараш ё домодшаванда ҳадья мекард.

З. А. Широкова.

БОЗЬЁФТ дар ҳуқуқ, ашьёи гумшударо ёфтани шахси дигар. Шахсе, ки ашьёи гумшударо ёфт, соҳиби он шуда наметавонад. Вай ӯҳдадор аст, ки дар ин бора ба соҳиби чиз хабар диҳад ва ашьёро ба ӯ баргардонад ё онро ба милиция, комитети иҷрояи Совети депутатҳои халқ супорад. Агар ашьё дар муассиса, корхона ё нақлиёт ёфт шуда бошад, онро ба маъмурияти ташкилоти дахлдор супорад (мод. 151 КГ РСС Тоҷ.). Касе, ки ашьёро ёфта ба соҳибаш ё ташкилоти давлатӣ додааст, ҳақ дорад аз онҳо ҳаққи хароҷоти чизи ёфтшударо гирад (мод. 153 КГ РСС Тоҷ.). Мувофиқи моддаи 159 КҶ РСС Тоҷ. барои аз они худ ва пинҳон кардани чизи ёфтшудаи қимматнок ба гунаҳкор ҷазои ҷиноятӣ дода мешавад.

Ад.: Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. Д., 1964.

БОЗЬЁФТҲОИ ҚУМРОН, дастнависҳои қадимае, ки с. 1947 дар ғорҳои водии Қумрон, шим. ғарбии соҳили б. Майит ёфт шудааст. Дар натиҷаи ҳафриёти археологӣ аз 11 ғор бештар аз 10 бандча (қариб 40 ҳаз. порча) дастхат (а. 3 то м.—а. 1 м.) пайдо карданд, ки онҳо ба забонҳои яҳудии қадим ва оромӣ дар рӯи пӯст ва папирус (бардӣ) навишта шудаанд. Дар байни бозьёфтҳо аввалин дастхатҳои Инҷилу Таврот ҳастанд. Чунин дастхатҳоро ҳангоми ҳафриёти қалъаи Масада (1963—65) низ пайдо карданд. С-ҳои 1951—58 дар харобаҳои марказӣ қубури об, хум, устохона, анборҳои ғалла ёфт шуданд. Дар Қумрон, аз водии Мураббаот ва Наҳол Ҳовар бори аввал доир ба шӯриши Бар-Коҳба ҳуҷҷатҳо ёфт шуданд. Б. Қ. дар илми таърих соҳаи қумроншиносиро ба вуҷуд овард.

БОИНТИҲОЙ, чизе, ки худуд, сарҳад, охир дорад. Дар фалсафа, Б. ҳамчун категория барои тавсифи ҳамагуна объекти муайян, маҳдуд (ашьё, процесс, ҳодиса, вазъият, хусусият ва ғ.) истифода мешавад. Ҳар як объекти воқеияти доништашаванда дар баъзе ҳолатҳо чун Б. зоҳир мешавад. Муайяниятн Б.-ро худуди он муқаррар менамояд. Муайяниятн фазоӣ, замонӣ, миқдорӣ, сифатӣ шуда метавонад. Маҳз худуд объекти боинтиҳоро аз дигар объектҳо ҷудо ва бо онҳо пайваст месозад. Бинобар он Б. аз як тараф, ҳастии нисбатан мустақил, алоҳидаро молик буда, аз тарафи дигар, ба чизи диг. вобаста ва ба он тобеъ аст. Зиддиятнокии Б. низ

1406

дар ҳамин зоҳир мегардад. Донистани *андозаи* Б. тасаввуротро дар бораи Б. аниқтар мекунад. Сарҳад ё андоза имконияти аз сарҳад ё андоза берун баромадани Б., яъне инкори Б.-ии муайян, ба Б.-ии дигар гузаштан ё табдил ёфтани вайро ҳатман дар назар дорад. Ба назар гирифтани ин хусусият ба таълимоти диалектикии Б. меоварад, ки мувофиқи он Б.-ро танҳо чун ягонагии ҳастӣ ва нестии худи Б., чун табдили мутақобилаи ҳастӣ ва нестии Б. фаҳмидан лозим аст. Таҳлили процесси ҳаракати Б., ки дар рафти он Б. беист аз худуди худ мебарояд, ба идеяи *беинтиҳой* меоварад. Робитаи Б. ва беинтиҳой чунин хусусият дорад: аввал, ҳар як объекти боинтиҳо бо гуногунии беохири диг. объектҳои боинтиҳои «берун аз худ» (беинтиҳоии экстенсивӣ) алоқаманд аст; сониян, вай беинтиҳоиро чун ифодаи куллӣ, инвариантӣ (беинтиҳоии интенсивӣ) дарбар мегирад. Бинобар ин ҳангоми омӯхтани ҳар як объекти материалӣ мо бо ягонагии Б. ва беинтиҳой дучор мешавем. Дониш «аз он иборат аст, ки мо беинтиҳоиро дар боинтиҳой, абадиро дар бебақой меёбем ва қайд мекунем». (Энгельс Ф., нег. Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., 2 изд., т. 20, с. 548).

БОЙКОТ (англ. boycott — рӯйгардонӣ, рад намудан, беэътиноӣ, манъ кардан), 1) дар ҳуқуқи байналхалқӣ, барқарор накардан ё рад намудани муносибатҳои тиҷоратӣ, молиявӣ ва ғ. аз тарафи ягон давлат бо давлати диг. ё гурӯҳи давлатҳо. Б. дар Низомномаи Лигаи миллатҳо як навъ чораи маҷбурие буд, ки дар ҳаққи давлатҳои вайронкунандаи шартномаҳои байналхалқӣ татбиқ карда мешуд. Устави ГДМ Б.-ро ҳамчун яке аз чораҳои маҷбурии ҳимояи сулҳ (бидуни истифодаи қувваҳои мусаллаҳ) дар назар дорад. Ин чораҳо пурра ё қисман қатъ гамудани муносибатҳои иқтисодӣ, воситаҳои р. о., баҳрӣ, ҳавоӣ, почтаю телеграф, алоқаи радио, инчунин кандани алоқаҳои дипломатиро ифода мекуванд (мод. 41 Устави ГДМ). Дар фаъолияти СССР Б. ҷавобан ба амалиёти ҳукуматҳои иртиҷоии мамлакатҳои капиталистӣ, қатъи ҳамагуна муносибатҳо, хариди молҳоро аз давлатҳои дахлдор ва иштирок накардан дар конференцияҳое, ки дар сарзамини мамлакатҳои Б. шуда даъват карда мешуданд, ифода мекард. 2) Б.-и иқтисодӣ дар таҷрибаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии давлатҳои империалистӣ, шакли муборизаи иқтисодӣ, манбаи тазъиқи иқтисодӣ ба диг. давлатҳо, инчунин воситаи дахолат ба корҳои дохилии давлатҳо, ки ин вайрон намудани нормаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад. 3) Б. дар муносибатҳои меҳнатӣ, дар мамлакатҳои капиталистӣ яке аз воситаҳои муборизаи иқтисодии синфи коргар бар

1407

аидли сохиби корхонаҳост. Шакли аз ҳама пахнгардидааш Б.-и иктисоди мебошад. *М. Ҳомидов.*

БОЙЛЬ (Boyle) Роберт (25. 1. 1627, Лисмор, Ирландия—31. 12. 1691, Лондон), физик ва химики англис. Дар Итон таҳсил карда, аввал бо масъалаҳои дину фалсафа машғул шуда, баъдтар дар корҳои Ҷамъияти илми Лондон (аз 1654) иштирок дошт. С. 1665 унвони доктори фахрии физикаи Ун-ти Оксфордро гирифт. Дертар президенти Ҷамъияти подшоҳии Лондон интихоб шуд (1680). Б. барометр ва асбоби махсусе сохт, ки тимсоли вакуумметр аст. Ӯ бо масъалаҳои аэростатика (омӯҳтани фишори ҳаво) ва муайян кардани зичии баъзе моеъҳо ва ҷисмҳои сахт (металлҳо, кислотаҳо, спирт, хун ва г.) машғул буд. Дар қатори диг. масъалаҳои химияви хосияти фосфор (бӯй, ранг, зичӣ, вазни хос, шуоъҳафкаҳо ва г.)-ро пешгӯй кард. Бо ибораи Ф. Энгельс «Бойль химиярро илм кард» («Диалектикаи табиат», нашри руси, 1975, саҳ. 158). Б. яке аз қонунҳои газро идеалиро кашф намуд. Нег. *Қонуни Бойль-Мариотт.*

БОЙМАТОВ Пирмат (тав. 1910, деҳаи Дар Дари уезди Самарқанд, р-ни Аини, вил. Ленинободи ҳозира), муаллим. Муаллими Ҳизматнишондодаи Мактаби РСС Тоҷ. (1960). Ҳофиҳи Халкии РСС Тоҷ. (1963). Аз оилаи деҳқони камбағал. Мактаби ибтидоиро (1929) ва курси дусолаи дорулмуаллимини (Тоҷикиншрос) Тошкентро (1934) хатм кардааст. Аз с. 1932 дар аҳдӯҳаш муаллим буд. С-ҳои 1939—41 дар омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент, 1950—54 дар Ин-ти муаллимии Самарқанд таҳсил кард. Б. ба кружокҳо ҳаваскорони мактаби деҳаи Дар Дар солҳои зиёд раҳбарӣ мекунад. Аз с. 1965 дар нафақа. Бо медалҳо мукофотонида шудааст.

БОЙМАТОВА Ҷамчон (тав. 1923, деҳаи Пулодони р-ни Ленинобод), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1960), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1967). Аъзои КПСС аз с. 1945. С-ҳои 1935—42 колхозчи, 1943—56 сардори бригадаи пахтакори ва аз с. 1957 раиси к-зи «Москва»-и р-ни Ленинобод. Б. дар интиҳоби пахтакори, бӯдори ва ҷӯгодории ноҳияи сахми арзанда дорад. Б. аз с. 1954 аъзои КМ ПК Тоҷ. ва депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 4—9). Бо 4 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, медалҳо (аз ҷумла 5 медали тиллоиро нуқраи НКХХ СССР) ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОЙМУРОДОВ Равшан (тав. 1891, Каркӣ), яке аз иштирокчиёни муборизаи барои барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1918. Аз оилаи деҳқони камбағал. С. 1914 шогирди либосдӯз буд. С-ҳои 1917—20 дар сафи Армияи Сурх хизмат кард. С-ҳои 1921—22 раиси Комитети революционии Каркӣ, Тирмиз, Қаршӣ. С. 1922 раиси Комитети революционии Душанбе шуда, барои мустаҳкам намудани ташкилотҳои партиявӣ фаъолона муборизаи бурд. Баъди хатми мактабҳои сесолаи партиявии Тошкент, Москва (1932) раиси Совети шаҳрии Каркӣ шуда кор кард. Дере нагузашта боз ба Тоҷикистон омад ва то ба нафақа баромаданаш (1950) дар корҳои масъули партиявӣ ва советӣ буд.

БОЙСКАУТИЗМ (англ. boy — писарак ва scout — разведкачӣ), яке аз шаклҳои ҳаракати буржуазии бачагон ва наврасон. Нег. *Скаутизм.*

БОЙСУНТОҒ, кӯҳ дар РСС Ӯзб., шохаи ҷан. ғарбии қ-кӯҳи Ҳисор. Бахшҳои д-ҳои Сурхон ва Шеробод. Аз Шим. Ш. ба Ҷ. Ғ. ба масофаи 150 км тӯл кашидааст. Баландиаш ба ҳисоби миёна 3000—3400 м, нуқтаи аз ҳама баланди он 4424 м. Б. аз оҳаксанг, регсанг, гил, гнейс, варақсанг, гранит ва гранодиорит таркиб ёфтааст. Аз Б. Қайроқсой, Гуматаксой, Шоҳтутсой, Қизилсой, Шӯрчаоб ва Фалғар барои д-ҳои пуроб ҷорианд. Дар баландиҳои 800—1200 м растанихои пимбиёбонӣ меруянд, аз он болотар арчазор ва марғзори альпӣ воқеъ аст.

БОЙСУНҚУР, Бойсунқар بایسنقر (16. 9. 1397, Ҳирот—19. 12. 1434, ҳамон ҷо), писари *Шоҳрух*, набераи *Темур*, бародари *Улуғбек*, ҳокими вилоятҳои Мозандарон, Астаробод ва Ҷурҷон (1414), баъд вазири падараш (1416—20). Ҳангоми сафарҳои Шоҳрух вазифаи муовинии ӯро адо мекард. Б. шахси маърифатнок, мухлиси ашъори форсӣ-тоҷикӣ буд. Замони вазириаш дар Ҳирот китобхона ташкил карда, хаттоту наққошон, мусаввирону саҳҳофон ва заркоронро ҷалб намуд. С-ҳои 1425—26 котибони китобхона қариб 40 нусхаи «Шоҳнома»-и Фирдавсиро мукоиса карда, нусхаи интиқодии онро тартиб ва бо минётурҳо оро доданд. Б. ба он муқаддима навишт. С. 1423 бо супориши Б. *Ҳофизи Абрӯ* ба навиштани асари маъруфаш «Зубдат-ут-таворих» шурӯъ кард. Б. дар Машҳад дар мақбараи Гавҳаршод дафн шудааст.

Ад.: Бартольд В. В., Улугбек и его время, Соч., том 2, кн. 2, М., 1964.
А. Мухторов.

БОЙЧЕЧАК, гули баҳмаи, гули ях, гули косид, ҳасрат-гул (Crocus korolkovii), гиёҳи бисьёрсолаи пиёзакбеҳ, мансуби *савсанизо*. Барги беҳи понаш борики нӯқтез, гулаш ҷифшакли зард ё зарди бунафштоб, ғӯзааш бисьёртухма; тухмаш гирдаи дорчинӣ. Б.-и худрӯй танҳо дар РСС Тоҷ. ва РСС Ӯзб. меруяд. Одатан дар нишеби, талу теппа ва кӯҳҳо, дар алафзори шибляк, бешаи паҳнбарг (дар баландиҳои аз 800 то 2000 м аз с. б.) вомехӯрад. Дар Боғи ботаникии Ин-ти ботаникаи АФ РСС Тоҷ. аз с. 1952 парвариш карда мешавад. Б.-ро

бо кӯчат, пиёзак ва тухмаш зиёд мекунанд. Б.-и дар тирамоҳ кошташуда баҳорон сабзида, соли 3—4-ум дар охири янв. ё аввали февр. гул мекунад. Дар водиҳои Тоҷикистон Б. баъзан дар охирҳои дек. ё аввалҳои янв., дар кӯҳҳо апр.-май (дар баландии 2000 м аз с. б.— июнь) мешукуфад. Б. гули маъмулу писандидаи тоҷикон аст. Б.-ро якҷоя бо гули наврӯзию сиёҳгӯш дар гулгашту хиёбонҳо коштан беҳтар аст. Дар тибби халқӣ гарди гули Б.-ро чораи рафъи заъфарма, нуқси дил, меъдаву рӯда ва воситаи муқаввии организм меҳисобанд. Пиёзаки Б. заҳрнок аст.

Ад.: Цветоводство Таджикистана, Д., 1965; Ҳочиматов М., Олимов М., Чаҳорбоғи гулҳо, Д., 1978.
М. Ҳочиматов.

БОЙЧЕЧАК, маросимест, ба муносибати шукуфтани *бойчечак* (гули баҳмаи) — нахустин нишонаи баҳор, ки дар эҷодиёти даҳанакии халқ акс ёфтааст. Б.-ро дар ноҳияҳои ҷануб ва маркази Тоҷикистон «Гулгардонӣ» ё «Гулгардак» ҳам меноманд. Б. ва баста ба омади сол барвақттар ё дертар ҷашн гирифта мешавад. Гоҳо бо маросими «Ҷуфтбаронӣ» ва иди «Наврӯз» дар як вақт рост меояд. Ин маросим дар баъзе маҳалҳо бо номи «Бойкандак» ва «Гули наврӯзӣ» низ маъмул аст. Тартиби гузаронидани маросим чунин аст: асосан бачагони маҳал *бегоҳ бойчечак* (гули баҳмаи)-ро ба даст гирифта, ба дари хонаҳо

мераванд ва аз баромадани нахустин нишонаи баҳори нав хабар медиҳанд. Бачагони «бойчечакгӯ» одатан муддаои худро бо сурудҳои халқии дар васфи баҳор ва гули баҳман ифода мекунанд, ки намунаи он дар фольклори тоҷик зиёд аст. Ин байтҳо намунае аз сурудҳои Б. аст:

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Ба дӯстон гул қатор омад.

Вақте ки сарбайтхон як бандро ба охир мерасонад, дигарон ба як овоз «Гули гулҳост бойчечак» ва ё «Баҳори нав муборак бод» мегӯянд ва ҳамчунин сурудхонӣ давом мекунад. Соҳибони хонаҳо баъд аз шунидани суруди «бойчечакгӯён» нишонаи баҳорро гирифта, алоқадри қудрату ҳимматашон шодиёнае медоданд.

Р. Аҳмадов.

БОЙҒОЗӢ, гидроузел, нахустин иншооти обьёрии туннелӣ дар Тоҷикистон. Дар миёнаоби д. Вахш, 40 км поёнтар аз ш. Норак, дар дараи кӯҳӣ буньёд гардидааст. Канори рости дара бо қабатҳои оҳаксанг пӯшида шуда, канори чапаш суфаи тӯлониест, ки таркибашро хоки нарму гили регдор ташкил медиҳад. Гидроузели Б. аз комплекси иншоотҳои гидротехникӣ: дарғоти сангин, шлюз-танзимкунанда, вурудгоҳи туннели Вахшу Ёвон ва обанбор иборат аст. Тӯли обанбори Б. мувофиқи лоиҳа 22,6 км, паҳноии он 0,5 км, чуқуриаш 20 м. Ба воситаи туннели гидроузел ва обанбори он 40 ҳаз. га замини водиҳои Ёвону Обикиик обшор мешаванд. Барои сохтани дарғоти гидроузели Б. дар ҷаҳон аввалин бор таркиш кор фармуда шуд, ки дар натиҷа дарғоти баландиаш 55 м буньёд ёфт. Дарозии туннель 7400 м, диаметри он 5,3 м, қобилияти обгузарониаш 4260 м³/сон. буда, аз байни кӯҳ мегузарад. Гидроузели Б. с. 1968 буньёд гардид ва дар ҳамин ҷо сохтани ГЭС-и иқтидораш 350—500 ҳаз. кВт пешбинӣ шудааст.

Е. Н. Сквалецкий, Ю. С. Усков.

БОЙҶУВОРӢ, бойдарвеш, навъи ҷувории сафед. Бештар дар вил-ҳои Кӯлобу Ленинобод, водии Вахш ва инчунин вил-ҳои Бухоро, Самарқанд, Хоразм, Сурхандарьё ва РАСС Қароқалп. мекоранд. Асосан барои дон ва силос кишт мекунанд. Донаш сафеди берахш (вазни 1000-тоаш 38—45 г), дар муддати 130—135 рӯзи баъди кишт мепазад. Барои силос баъди 115—120 рӯз медараванд. Дар 2 дарав то 1000 ц/га баргу пояи силосбоб ва 60—65 ц дон мегиранд. Ниг. низ *Ҷуворӣ.*

БОККАЧЧО (Воссассіо) Ҷованни (1313, Париж—21. 12. 1375, Чертальдо, наздикии Флоренция), нависандаи италиявӣ. Яке аз аввалин намояндагони адабиёти инсонпарварии давраи Эҳьё. Б. таълифоти зиёде дорад, вале муҳиммаш осори баденст. Романи «Филоколо» (1336), достонҳои «Филострато» (1338) ва «Тесеида» (1339) ба *асотири* атиқа асос ёфтаанд. Мавқеи асосиро дар ин асарҳо тасвири ғалаёнҳои рӯҳӣ ишғол мекунад. Дар повести «Фьяметта» (1343) Б. олами рӯҳии занонро кушода, ба романҳои психологии аврупой буньёд гузошт. Асари беҳтарини ӯ «Декамерон» (1350—53) маҷмӯи новеллаҳои реалистист. Яке аз мавзӯъҳои асосии китоб танқиди калисои католикӣ ва рӯҳониён мебошад. Дар ин асар ахлоқи зоҳидонаи асриміёнагиро маҳкум сохта, ҳуқуқи инсон ва ишқи заминиро васф мекунад. Б. ба 17 суруди «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте шарҳ навишта, аввалин бор тарҷумаи ҳоли ӯ — «Ҳаёти Данте Алигьери»-ро (1360) ба қалам овард. Вай ба забони лотинӣ «Насабномаи худоён», «Дар бораи занҳои машҳур» ва «Дар боби бадбахтиҳои одамони номӣ» барин асарҳоро эҷод кардааст.

БОКОНБОЕВ Ҷоомарт (16. 5. 1910, деҳаи Мазорсой — 1. 7. 1944), шоир ва драматурги советии қирғиз. Аз оилаи деҳқони камбағал. Асарҳояш аз с. 1927 чоп шудаанд. Б. ҳаёти нави социалистии қирғизҳоро васф мекард. Бори аввал дар адабиёти қирғиз образи шахтёру коргаронро офарида, оид ба сохтмонҳои Қирғизистон шеърҳо эҷод намудааст (достонҳои «Қизил Киё» 1932; «Сулуқту», 1933 ва ғ.). Шоир воқеаҳои гузаштаи вазнинро тасвир намуда, ба сохти советӣ бо меҳру муҳаббат нигаристааст. Дар солҳои ҷанг Б. як миқдор шеъру достонҳо эҷод кардааст, ки ба ватанпарвию қаҳрамонӣ даъват мекунанд. («Москва—қалъа», «Рӯҳи Ленини бузург», «Марг ва шараф» ва ғ.). Ба қалами Б. чанд асари саҳнавӣ «Олтин қиз» (1937), «Каргаша» (1939), либреттои операи «Токтогул» (1939) ва ғ. низ мансуб аст.

БОКС (англ. box — зарба), навъи спорт, муштзании байни ду вараишгар аз рӯи қоидаи муайян. Б. 5000 сол пеш дар шакли муштзании оддӣ дар Миср Бобул пайдо шуда буд. Қоидаҳои бозии Б. (бе дастпӯшак) дар Англия (а. 18) ҷорӣ карда шуд. С. 1867 қоидаи Б. бо дастпӯшак тасдиқ гардид. Б. аз с. 1904 ба программаи Бозиҳои олимпӣ ва аз с-ҳои 20-ум дар чемпионати Европа дохил карда шуд. Мусобиқа дар *ринг* — майдончаи чоргӯшаи қаду бараш 6 м, ки атрофаш бо таноб иҳота бошад, дар 3 навбат (раунд) 3 дақиқагӣ (бо ду танаффуси 1 дақиқагӣ) мегузарад. Ҳарифони ҳамвазн ба ринг роҳ дода мешаванд. Ғолиб боксёрест, ки ҳуҷуми муваффақиятнок карда, ҳарифро ба нокаут меафтонад ё қувваи ҳарифаш ба давом додани Б. намерасад ва ё ӯ аз Б. сар мекашад. Мувофиқи қоидаи Б. аз камар поён, ба буни гардан, ба тахтапушт, сар, инчунин ҳарифи аз поён афтодаро задан манъ аст. Б.-ро як ҳаками дохили ринг ва 3—5 ҳакамӣ берун аз ринг доварӣ мекунанд. Дар республика оид ба Б. 20 устоди спорт, 151 номзад ба устодии спорт (1978) ҳастанд.

БОКСИТ (франс. bauxite, қабати Б. аввалин маротиба дар маҳалли Ле-Бо (Les Baux)-и ҷан. Франция ёфт шудааст), ҷинси кӯҳӣ, ки асосан аз гидратҳои гилӣ, оксидҳои оҳан ва омехтаи дигар компонентҳои минералӣ иборат аст. Таркиби химиявии Б. асосан аз оксиди алюминий (Al_2O_3) ва оксиди оҳан (Fe_2O_3) иборат буда, инчунин ба миқдори кам омехтаҳои дуоксиди силиций (SiO_2), дуоксиди титан (TiO_2), оксиди кальций (CaO), оксиди магний (MgO), оксиди манган (MnO), панҷоксиди фосфор (P_2O_5) ва ғ. дорад. Рангаш сурх, сурхи ҷигарӣ, хокистарӣ, сабзтоби хокистарӣ, сиёҳтоб. Сахтиаш 3—6; зичиаш вобаста ба миқдори оксиди оҳан аз 2900 то 3500 кг/м³. Б.— сахту зич, ғурӯша-ғурӯша, ковок, нарм ва ғ. Вобаста ба таркиби минералогӣ Б.-ҳо диаспору бёмитӣ (бештар дар ноҳияҳои геосинклиналӣ), гидраргиллитӣ ё гиббситӣ (дар ноҳияҳои платформагӣ) мешаванд. Конҳои Б. аз фарсоиши латеритии ҷинсҳои турш, ишқорӣ ва асосӣ, инчунин аз зиёд ҷамъ шудани гил дар кӯлу баҳрҳо ба вуҷуд меоянд. Барои аҳамияти саноатӣ пайдо кардан Б. бояд дар таркиби худ на камтар аз 28% оксиди алюминий (Al_2O_3) дошта, нисбати он ба дуоксиди силиций (SiO_2) аз 2,1—2,6 баробар зиёд бошад. Аз Б. асосан алюминий истеҳсол мекунанд. Инчунин барои истеҳсоли ранг, цементи гилин, электрокорунд, дар металлургияи сиёҳ, тоза кардани нефть ва ғ. истифода мешавад. Конҳои калони Б. дар СССР (вил-ҳои Ленинград, Архангельск, Урал, Қазоқистон, Сибирь ва ғ.), Венгрия, Хитой, Румыния, Ямайка, Гайана, Суринам, Гана, Гвинея, Франция, Ҳиндустон, Австралия мавҷуданд. Дар Тоҷикистон конҳои хурди боксит дар қ-кӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор ва Помир ёфт шудаанд, вале онҳо аҳамияти саноатӣ надоранд.

БОКУ (аз форсии дарии Бодкӯба, ба озарӣ Бакы), шаҳр, пойтахти РСС Озарб., бандари калони б. Каспий. Дар қисми ҷануби нимҷаз. Апшерон воқеъ аст. Б.— яке аз марказҳои калони саноат, илм ва маданияти СССР; узели калони нақлиёт. Аҳол. 961 ҳаз., бо атрофаш 1435 ҳаз. наф. (1977), асосан озариён ва русҳо, инчунин арманиҳо, яҳудиён, дагистониён ва диг. Б.-и ҳозира комплекси калони саноати истихроҷи нефту газ, саноати нефту химия, химия, мошинсозӣ, коркарди металл, истеҳсоли масолеҳи биноқорӣ, саноати сабук ва хӯроквори мебошад. Б.-и Калон системаи энергетикии худро дорад: ГРЭС-и Шимолӣ, ТЭС-и «Красная звезда» ба номи Красин

Боку. Хиёбони нефтчиён.

ва диг. Корхонаҳои калони саноати — «Лениннефть», «Орчоникидзенефть», «Кировнефть», «Азизбековнефть», ба номи 26 комиссарони Боку, «Карадагнефть», ба номи Съезди 22 КПСС, ба номи Наримонов ва г. Инчунин з-дҳои аппаратҳои баланд-шиддат, асбобсози, яхдон, истеҳсоли конденсонер, телевизор, аппаратҳои газ, комб-ҳои бофандагӣ, матои пашми, ф-каҳои понафзол, комб. гушт, з-дҳои орд мавҷуданд. Дар атрофи Б. нефту газ истихроҷ карда, маҳсулоти газ, масолеҳи саноати бинокорӣ (з-дҳои цемент, асбест) ва г. истеҳсол мешаванд. Мувофиқи плани генерали (аз 1923) районҳои кӯҳнаи Б. аз нав сохта шуда, майдонҳои Хонаи ҳукумат, Низомӣ, китобхонаи оммавии ба номи М. Ф. Охундов (1960), ҳайкалҳои В. И. Ленин (1957), Низомӣ (1949), 26 комиссарони Боку (1958), «Озодшавӣ» (1960), Фузулӣ (1962) ва диг. бунёд гардидаанд. С. 1967 навбати аввали метрополитен ба кор даромад. Дар атрофи Б. шаҳрчаҳои нав бунёд шудаанд: Забрат, Маштага, Дубендӣ ва Приморск. Дар Б. АФ РСС Озарб. (аз 1945), беш аз 100 муассисаи илмӣ, 19 мактаби олӣ (ун-т, ин-тҳои политехникӣ, нефту-химия, хоҷагии халқ, тиббӣ, педагогӣ, ин-ти педагогии забонҳо, тарбияи ҷисмонӣ, санъат, консерватория), 28 мактаби миёнаи махсус, 30 омӯзишгоҳи касбию техникӣ ва г. мавҷуд аст. Театри академии опера ва балет, 2 театри драма, театрҳои ҷавонон, мусиқӣ-мазҳакавӣ, лӯхтак, 153 китобхонаи оммавӣ (калонтарини онҳо Китобхонаи республикавии ба номи М. Ф. Охундов, Китобхонаи марказии ба номи В. И. Ленин ва г.), 16 музей (филиали Музеи марказии В. И. Ленин, Музеи санъати ба номи Р. Мустафоев, Музеи адабиёти Озарбойҷон ба номи Низомӣ, Музеи таърихи Озарбойҷон ва г.) ҳаст. Аз осори меъмории қисми бостонии шаҳр — Шаҳри дарун, Қалъаи шикаста (а. 11), Қалъаи Духтар (а. 12), манораҳо, саройҳои қадимӣ, комплекси қасри Шервоншоҳон (а. 15), масҷидҳо ва г. боқист.

Б. бори аввал дар маъхазҳои а. 5 ва асарҳои географии а-ҳои 9—10 («Ҳудуд-ул-олам» ва дар осори Истахрӣ, Масъудӣ, Муқаддасӣ) зикр шудааст. Б. нимаи дуюми а. 12 маркази сиёсии давлати Шервон буд. Кони нефть дошти Б.-ро муаллифони а-ҳои 12—15 (Ёқути Ҳамавӣ, Закариёи Қазвинӣ, Бакрӣ ва диг.) қайд кардаанд. С. 1540 Б.-ро қӯшуни Сафавиён, а. 16 туркҳо ба даст даровардаанд. Қалъаи Б.-ро с. 1604 қӯшуни шоҳ Аббоси I хароб кард. С. 1723 онро қӯшунҳои рус тасарруф карданд. С. 1735 ба Эрон баргардонида шуд. С. 1747 маркази хонии Боку буд. С. 1806 дар давраи ҷанги Россия ва Эрон (1804—13) Б. ба Россия ҳамроҳ карда шуд. С-ҳои 70-уми а. 19, баробари тараққиёти саноати нефти капиталисти Б. тез обод гардид. Истихроҷи нефть дар нохияи Б. с. 1901 қариб 50% нефти ҷаҳонро ташкил мекард. Дар охири а. 19 дар Б. ҳаракати революционӣ авҷ гирифт. Нахустин кружокҳои с.-д с-ҳои 1898—99 ташкил шуданд. С. 1901 комитети РСДРП-и Б., нояб. 1905 Совети депутатҳои коргарон барпо гардид. 31 окт. 1917 дар Б. Ҳокимияти Совети эълон шуд. Дар арафаи 28 апр. 1920 пролетариати шаҳр ҳукумати мусовотчиёнро сарнагун сохт. 28 апр. 1920 РСС Озарб. эълон карда шуд, ки Б. пойтахти он гардид. Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст (1977).

Боку. Хиёбони ба номи Киров

БОЛ, узве, ки дар ҷонварон барои парвоз хизмат мекунад. Баъзе бандпойҳо (аксари ҳашаротҳо), ширхӯрҳо *(кӯршабпарак)*, паррандаҳо Б. доранд; аз ҳайвонҳои мунқариз калтакалосҳои паррон Б. доштанд. Сохт ва пайдоиши Б. дар гурӯҳҳои гуногуни ҳайвонот гуногунанд. Дар ҳ а ш а р о т ҳ о и болдор вазифаи Б.-ро замимаи пластинкашакл, ки аз пардаи чин-чини қисми миёна ва оқиби тӯш инкишоф меёбад, иҷро мекунад. Аз Б. рагҳое мегузаранд, ки асоси мустаҳкамии онро таъмин мекунанд. Ба воситаи он рагҳо ба Б. гемолимфа, трахея ва торҳои асаб мегузаранд. Ҳашарот одатан ду ҷуфт Б. дорад. Дар ҳашаротҳои дубола танҳо Б.-ҳои пеш ва дар бодбезакболҳо танҳо Б.-ҳои ақиб инкишоф ёфтаанд. Вобаста ба сохт ва миқдори рагҳо Б. тӯр-тӯр (мас., Б.-и сӯзанак) ва пардаи (мас., Б.-и пардаболҳо) мешавад. Дар гамбускҳо (сахтболҳо) Б.-ҳои пеш ё боли болонӣ муҳофизатии онҳо ниҳоят сахт шудаанд. Дар систематикаи ҳашаротҳо сохти Б. аломати асосӣ аст. Дар п а р р а н д а ҳ о вазифаи Б.-ро пойҳои пеши шаклашон тағйирёфта, ки бо шаҳпар ва парҳои пӯшида пӯшида шудаанд, иҷро мекунанд. Вобаста ба хусусияти парвози паррандаҳо шакли Б. ҳам гуногун мешавад. Ниг. *Болдастҳо.*

БОЛДАСТҲО (Chiroptera), гурӯҳи ширхӯрҳо, ки аз ду гурӯҳи таҳтонӣ—кӯршабпарак ва болдасти меваҳӯр иборат аст. Тақрибан 850 намудро дарбар мегиранд. Дарозии баданшон аз 3—14 см (кӯршабпарак) то 42 см (болдасти меваҳӯр) мешавад. Пардае, ки дар байни дасту пой, бадан ва дум воқеъ гардида, онҳоро пайваст менамояд, вазифаи болро иҷро мекунад. Ғизои Б. ҳашароту мева буда, баъзеи онҳо (аз оилаи Desmodontidae) хунмаканд. Баъзеи Б. баробари ба боғдори зарари калон расондан, бемории табларзаи заҳрӣ (бемории шадиди сироятӣ дар мамлакатҳои тропикӣ ва субтропикӣ) ва ҳории фалаҷиро ба одам мегузаронанд.

БОЛДИРҒОН, деҳа дар С. қ. Қаросу, р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Тельман. Аз Б. то маркази С. қ. 22 км, то район 19 км. Аҳол. 634 наф. (1976), ӯзбекону тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ ва пункти тиббӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Элак ва кан. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

БОЛДЫРЕВ Александр Николаевич (тав. 29. 5. 1909, Петербург), шарқшиноси советӣ. Ин-ти ленинградии фалсафа, адабиёт ва санъат (ЛИФЛИ)-ро хатм кардааст (1931). Доктори илмҳои филология (1954), проф. (1955). Ходими илмии Базаи тоҷикистонии АФ СССР (1933—36), Шӯъбаи шарқии Эрмитажи давлатӣ (1936—41), Ин-ти шарқшиносии АФ СССР (1942—50). Муаллим (аз 1937), мудири кафедраи филологияи эронии фак-ти шарқшиносии Ун-ти давлатии Ленинград (аз 1950). Б. дар муҳимтарин таълифоташ: «Низомӣ ва Хоқонӣ» (1936), «Тазкираи Ҳасани Нисорӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар роҳи омӯхтани ҳаёти мадании Осиёи Миёнаи асри XVI» (1940), «Зайнуддин Восифӣ» (1957), «Дарвеши Деҳакӣ» (1959) чиҳатҳои аз назар ниҳону мураккаби ҳаёт ва эҷодиёти адибонро бо воқеаҳои таърихии замони онҳо вобаста таҳлил кардааст. Ӯ матни интиқодии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддини Восифӣ (ҷ. 1—2, 1961; бори дуюм, бо ислоҳи лозим 1971—72 дар Теҳрон ба табъ расид) ва «Таърихи Бадахшон»-ро (1959) ба табъ расонд. Дар омӯзиш ва ба табъ расондани осори лафзии халқи тоҷик саҳм дорад («Намунаи фольклори тоҷик», қ. I, Л.— Сталинобод, 1938). Барои тадқиқи таърихи адабиёти тоҷик ва тарбияи ходимони илмии тоҷик ба Б. унвони Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1969) дода шудааст.

А. Абдуллоев.



Болдасти мевахӯр — Hypsignathus monstrosus.

БОЛИВАР (Bolivar) Симон (1783 Каракас, Венесуэла — 1830, Санта-Марта, Колумбия), яке аз роҳбарони мубориза ozодихоҳонаи мустамликаҳои Испания дар Америка, ашрофзода. Дар Европа (Испания, Франция) зиста, ба ватан баргашт ва дар мубориза барои барҳам додани ҳукмронии Испания дар Венесуэла (1810) ва эълони республика (1811) фаъолона иштирок кард. Бо дастгирии оммаи васеъ с. 1819 қӯшунҳои ӯ Гранадаи Навро озод карданд. Б. президенти республикаи Колумбияи Бузург, ки ба ҳайати он Венесуэла ва Гранадаи Нав дохил шуданд, интихоб гардид. Армияи Б. с. 1821 қуввaҳои асосии Испанияро дар Венесуэла торумор карда, 1822 музофоти Кито (Экуадори ҳозира)-ро озод намуд, ки он дертар ба Колумбияи Бузург ҳамроҳ шуд. С. 1824 Б. қӯшунҳои Испанияро дар Перу шикаст дода, 1825 сардори давлати нав гардид, ки он ба шарафи Б. Боливия номида шуд. Б. бо мақсади муттаҳид кардани давлатҳои қаҳвои Америкаи Лотинӣ дар Панама (1826) конгресс даъват кард, ки натиҷаи дилхоҳ надод, ошӯбҳои ҷудоиандозӣ ҳокимияти Б.-ро дар Перу ва Боливия сарпагун карданд. Б. с. 1830 ба истеъфо баромад.

БОЛИВАР, воҳиди пули Венесуэла, ки с. 1910 ҷорӣ шудааст. Б. ба 100 сентимо тақсим мешавад. Мувофиқи қурби расмӣ 4,30 Б. = 1 долл. ШМА (янв. 1976).

БОЛИВИЯ (Bolivia), Республикаи Боливия (Republica de Bolivia), давлат дар қисми марказии Америкаи Ҷанубӣ. Масоҳ. 1098,6 ҳаз. км². Аҳол. 5,79 млн наф. (1976). Пойтахташ — Ла-Пас (аҳол. 654,7 ҳаз. наф., 1976). Аз ҷиҳати маъмурӣ Б. ба 9 департамент тақсим мешавад.

Сохти давлатӣ. Б.— республикаи буржуазӣ. Мувофиқи конституция сардори давлат ва ҳукумат президент буда, ба мӯҳлати 4 сол интихоб мегардад. Органи қонунбарор—Конгресси миллӣ, ки аз ду палата: сенат ва палатаи депутатҳо (1969 баъди табаддулоти ҳарбӣ пароканда карда шуд) иборат мебошад. Системаи судӣ: суди олӣ, судҳои округӣ ва участкавӣ. Прокурори генералиро президент таъин мекунад.

Табиат. Хоки Б. дар Ғ. қисми шарқии к-ҳои Кордильераи Марказии Анд ва дар Ш. ҳамвориҳои фарохеро дарбар гирифтааст, ки аз рӯи шароити табиӣ аз ҳамдигар фарқи калон доранд. Анд аз паҳнкӯҳҳои баланди (қариб 4000 м) Пуна иборат буда, дар байни қ-кӯҳҳои Кордильера воқеъ гаштааст. Ҳамвориҳои шим. шарқӣ аз шабакаи д-ҳои системаи Бени-Маморе обьёрӣ шуда, тадриҷан ба сӯи пастии Амазонка нишеб мешаванд. Б. аз конҳои қалъагӣ (Кордильераи Марказӣ), маъдани оҳан, мис (Альтиплано), нефть, газ, инчунин рух, сурб ва нуқра бой аст. Иқлими кӯҳсор тропикии хушк (ҳарор. миёнаи моҳона аз 3° то 11° С, боришоти солона 150—600 мм), дар нишебиҳои шарқӣ — субэкватории сернам (боришот то 2000 мм), дар ҳамвориҳои шарқӣ — субэкватории тобистонаш сернам (ҳарор. миёнаи моҳона аз 17 то 28° С, боришот 800—1600 мм). Д-ҳои асосӣ: Бени, Маморе ва Гуапоре. Зиёда аз 40%-и масоҳати Б. ҷангалзор аст (дарахтони пурқимат бисьёранд). Олами ҳайвонот гуногун аст. Дар қисми шарқии Б. маймун, кашафпушт, тапир, хояндагон, паррандагон, хазандагон ва ҳашарот бисьёранд. Дар Пуна ламаҳои ваҳшию хонагӣ ва мурғони обӣ зиёданд.

Аҳолӣ. Қариб 60%-и аҳолии Б.-ро ҳиндуҳои ду гурӯҳи калони этникӣ— кечуа ва аймара, қисми боқиро дурагаҳо (28%), сафедпӯстон (12%) ташкил медиҳанд. Дар бешаҳои тропикии шарқи мамлакат қариб 100 ҳаз. ҳиндуҳои гуногунқабила зиндагӣ мекунанд. Забони давлатӣ—испанӣ. Дини ҳукмрон — католикӣ (аз 1961 калисо аз давлат ҷудо аст). 80%-и аҳолӣ дар ғарб — дар паҳнкӯҳи Пуна ва нишебиҳои шарқии Анд зиндагӣ мекунанд. Ш-ҳои калон: Ла-Пас, Кочабамба, Оруро, Потоси, Санта-Крус, Сукре.

Очерки таърихӣ. Аз замонҳои қадим дар ҳудуди ҳозираи Б. қабилаҳои сершумори ҳиндуён зиндагӣ мекарданд. Дар а. 14 ин қабилаҳоро инкҳо ба ҳуд тобеъ карданд. Дар ибтидои а. 16 хоки Б.-ро Испания забт намуда, бо номи Перуи Болo ба ҳайати ноибсалтанатии Перу дохил намуд; с. 1776 ба ҳайати ноибсалтанати Ла-Плата дохил гардид. Муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии Перуи Болo аз омезиши шаклҳои истисмори ғуломдорӣ, феодалӣ ва крепостной иборат буд. Перуи Болo то аввалҳои а. 19 хазинаи шоҳи Испанияро бо нуқра таъмин мекард. Дар натиҷаи ҷанге, ки с-ҳои 1810—26 барои истиқлолияти мустамликаҳои Испания дар Америка ба амал омад, Перуи Болo аз зулми мустамликавӣ озод шуд ва ташкили давлати мустақили Б.-ро эълон намуд. Баъди ба даст омадани истиқлолият муборизаи барои ҳокимият байни намояндагони олигархияи заминдорон ва буржуазияи саноату тиҷорат авҷ гирифт. Мобайнҳои а. 19 капитали хориҷӣ, асосан англисӣ, ба мамлакат сар даровард. С-ҳои 1879—83 Б. бо Чили ҷанг карда, аз як қисми хоки ҳуд маҳрум шуд ва роҳи баромад ба уқ. Ороморо аз даст дод. Конҳои қалъагӣ дар Б. охирҳои а. 19 кашф шуданд. Вале дере нагузашта онҳо ба дасти монополияҳои хориҷӣ гузаштанд. Рақобати монополияҳои англису америкой барои нефть ба ҷанги байни Б. ва Парагвай (1932—35) сабаб шуд. Б. дар натиҷаи ин ҷанг аз заминҳои нефтдори ҳуд дар ноҳияи Чако маҳ-

рум гардид. Ҳукуматҳои Д. Торо (1936—37) ва баъд полковник Г. Буш (1937—39) ҳамаи кӯшиш ва имкониятҳоро барои андохта ҳукмрониии монополиҳои амрикоиро дар мамлакат маҳдуд кардани шуданд. Б. дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонии с. 1942 муносибатҳои дипломатиашро аз Германия, Италия ва Японияи кинда, апр. 1943 бо ин мамлакатҳо ҷанг эълон кард. С. 1943 ҳукумати полковник Вильярроэль, ки орзую умедҳои доирахои миллатпарастро дар хусуси маҳдуд кардани ҳукмрониии олигархия инъикос менамуд, ба сари ҳокимият омад (то 1946). Б. с. 1945 бо СССР алокаи дипломатӣ мукаррар намуд. Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳаракати демократӣ ва зиддиимпериалистӣ авҷ гирифт. Янв. 1950 Партияи Коммунистии Б. ташкил ёфт. Апр. 1952 шӯриши мусаллаҳонаи халқӣ сар зада, ибтидои Рев. буржуазӣ-демократӣ гардид. Ҳукумат бо сардории президент Пас Эстенсоро (1952—56) як қатор тадбирҳои демократӣ (милликунонии конҳо, ислоҳоти аграрӣ ва г.) гузаронд. Минбаъд ҳукумати Силес Суео (1956—60) ва баъд Пас Эстенсоро (1960—64) дар шароити бойкоти иқтисодии доирахои империалистии ШМА ва фишори реакцияи дохилӣ сиёсати ба империализм гузашт кардан ва таъқибкунии меҳнаткашонро пеш гирифтанд. Нояб. 1964 ҳокимиятро хунтаи ҳарбӣ ба даст дароварда, ҷазодиҳии оммаҳои меҳнаткашро пурзӯр кард. Аз интихоботи президент дар с. 1966 ҳеҷ мурод ҳосил нашуд, муборизаи сиёсӣ қатъ нагардид. С. 1967 дар мамлакат ҳаракати партизанӣ вусъат ёфт. С-ҳои 1968—69 ошӯбҳои студентон ва корпартоии муаллимон ба амал омаданд. Ҳукумати генерал Овандо Кандиа (1969—70) як қатор дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ гузаронд (аз ҷумла моликияти ширкати нефти амрикоии «Боливиан галф ойл»-ро миллӣ кунонд). Баъди он ҳукумати генерал Ҳ. Торрес ҳам бо мақсади аз тобеияти империализм озод кардани мамлакат ва пеш бурдани сиёсати берунии мустақил як қатор тадбирҳо андешид, аммо дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ сарнагун гардид. С. 1971 полковник У. Бансер Суарес ба сари ҳокимият омад. Вай ба гурӯҳи реакционии армия ва партияҳои буржуазии рост такья мекунад. Ибтидои с-ҳои 70-ум вазъияти дар мамлакат ноустувор буд, душвориҳои иқтисодӣ ва ихтилофҳои дохилии доирахои ҳукмрон афзуданд.

Партияҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба. Фалангаи социалистии Боливия, с. 1937 ташкил ёфта, манфиати доирахои реакционии буржуазия ва помещиконро ҳимоя менамояд. Ҳаракати миллатпарастонаи революционӣ (ҲМР) 1941 таъсис ёфта, намояндагони буржуазияи майда, миёна ва калон, инчунин як қисми синфи коргару деҳқонро муттаҳид мекунад. Партияи Коммунистии Боливия, с. 1950 ташкил шудааст, дар пинҳонкорист. Калонтарин иттиҳодияи иттифоқҳои касаба — Маркази коргарии Боливия, с. 1952 таъсис ёфтааст.

Хоҷаги. Б. яке аз мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисоди қафомондаи Америкаи Лотинӣ аст. Даромади миллии он ба ҳар сари аҳолӣ дар Америкаи Лотинӣ аз ҳама паст мебошад (250 доллар дар с. 1973). Соҳаи асосии саноат—саноати маъдани кӯҳи, асосан истеҳсоли қалъаи (баъд аз Малайзия чои 2-юм дар ҷаҳон). Истеҳсоли сурб, рӯҳ, сурма, волиффрам ва нефть

М. Нуньес дел Прадо. «Ракси чола». Пиҷмаи а. 20

С. Гусман де Рохас. «Модари». а. 20

ҳам аҳамияти калон дорад. Конҳои калони маъдани оҳан ва газ (дар Ш.) кашф шудаанд. Электроэнергетика суст тараққӣ кардааст. З-дҳои цемент, истеҳсоли маҳсулоти нефть ва қалъагӣ, саноати бофандагӣ ва хӯрокворӣ, асосан саноати қанд ва ордкашӣ мавҷуданд. Иқтисодиёти мамлакат бо суръати суст тараққӣ мекунад. Соҳаи асосии х. қ. зироатчигист. Замини корам 3,1 млн га (2,8% терр. мамлакат). Дар паҳнкӯҳҳо ҷав, киноа (як навъи арзан), картошка ва дар нишебиҳои шарқии Анд ҷуворимакка, гандум, шолӣ, маниок, найшакар, қаҳва, какао, пахта, тамоку ва ғ. мекоранд. Дар ҳамвориҳои Ш. ва Шим. Б. маниок, найшакар ва какао парвариш карда мешавад. Барги буттаи кока, пӯстлохи дарахти каучукро ҷамъоварӣ мекунанд. Чорводорӣ ривоҷ ёфтааст; гов, гӯсфанду буз, лама ва альпаку асп мепарваранд. Х. қ. эҳтиёҷоти мамлакатро бо маҳсулоти худ таъмин карда наметавонад, зиёда аз 50%-и ашёи хом ва хӯрокворӣ аз хорича оварда мешавад.

Тӯли р. о.— 3,6 ҳаз. км (1971); қисми зиёди р. о. дар ихтиёри давлат аст. Тӯли роҳҳои мошингард 25,6 ҳаз. км. Ширкатҳои авиационии миллӣ асосан ба роҳҳои ҳавоии дохилӣ ва ширкатҳои хоричӣ (ШМА, Бразилия, Аргентина ва ғ.) ба ҳамлу нақли байналхалқӣ хизмат мерасонанд. Савдои хоричӣ барои иқтисодиёти мамлакат аҳамияти калон дорад. Экспорти Б. с. 1973 350 млн доллар ташкил дод, аз ҷумла, маъдан — 75%, газ ва нефть 17%. Б. асосан бо Англия, ШМА, Япония, РФГ, Аргентина ва Бразилия савдо мекунад. Импорти Б. с. 1973 ба 342 млн доллар расид (таҷҳизот, ашёи хом ва нимтайёр, хӯрокворӣ). Б. асосан аз ШМА (51%), Япония (13%) ва РФГ (9%) мол мегирад. Қарзи Б. аз мамлакатҳои хоричӣ охири с. 1973 ба 700 млн доллар расид. Воҳиди пул — песои Боливия (20 песои Б.= 1 доллари ШМА; 1977).

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1967 дар Б. таваллуд ба ҳар 1000 наф. 51,8 ва фавти умумӣ 12,9 наф.-ро ташкил намуд. Дарозии умр ба ҳисоби миёна 46,8 сол (1970). Дар Б. беморихои исҳоли хунин, гичча, сил, сӯзок ва табларза паҳн шудаанд. С. 1968 дар Б. 238 беморхонаи дорои 9,5 ҳаз. кат (2,7 кат ба 1000 наф.), 1,9 ҳаз. духтур (1 духтур ба 2154 наф.) ва 386 ҳамшираи тиббӣ буданд.

Маориф ва муассисаҳои маданию маърифатӣ. Аввалин мактабҳоро дар ҳоки Б. миссионерон дар миёнаҳои а. 16 ташкил карда буданд. Баъди барқарор гардидани республика (1825) мактабҳои ғайридиниии давлатӣ ба вуҷуд омаданд. Таълим ба забони испанӣ аст. Мактаби ибтидоӣ дар шаҳрҳо 6-сола ва дар деҳот 4-сола мебошад. Соли таҳсили 1968 дар мактабҳои ибтидоӣ зиёда аз 640 ҳаз., миёна бештар аз 122 ҳаз. талаба ва мактабҳои касбу ҳунаромӯзӣ 10,9 ҳаз. наф. (1967) талаба таҳсил мекард. Б. 8 ун-т дорад. С. 1971 мактабҳои олии Б. 30 ҳаз. студент дошт. 60,2%-и аҳолии мамлакат бесавод, 55%-и бачагони аз 6 то 19-сола аз мактаб маҳруманд. Китобхонаҳои калонтарин: Китобхонаи департаменти маданият ва Китобхонаи муниципалӣ дар Ла-Пас, Китобхонаи миллӣ ва архив дар Сукре. Музейҳо: Музеи миллии «Тиауанако» дар Ла-Пас, Музеи археологӣ ва санъати тасвирӣ дар Сукре. Академияи миллии фанҳо с. 1960 ташкил ёфт. Баъди с. 1960 ин-тҳои тадқиқотии илмии геофизикӣ (дар Ла-Пас) ва технологӣ ташкил шуданд. Як қатор ҷамъиятҳои илмӣ мавҷуданд.

Матбуот, радио ва телевизион. Дар Б. нашрияҳои гуногуни даврӣ мавҷуданд. Газетаҳои калонтарин: «Диарио» («El Diario»), «Хорнада», («La Jornada»), «Ой» («Hoy»), «Пресенсия» («Presencia»), «Ультима Ора» («Ultima Ora»), «Унидад» («Unidad»), органи ПКБ. Ду ширкати радиошунавонӣ, 69 радиостанция дорад. Ширкати давлатии телевизион (аз с. 1970) кор мекунад.

Адабиёт. Адабиёти халқи Б. асосан ба забони испанӣ нигиштоф ёфтааст.



1. Дарьёи Маморе дар қарибии ш. Тринидад. 2. Заврақҳои камишин дар кӯли Титикака. 3. Кочабамба. Манзараи умумии шаҳр. 4. Ла-Пас. Манзараи умумии шаҳр. 5. Кӯча дар ш. Потоси, дар мадди соҳӣ кӯҳи Потоси.

1. Калисо дар Томава. 1733.



2. Хонаи маркизҳои де Ставa (ҳоло Банки миллӣ) дар Потоси. 1750—85.

С-ҳои 1880—90 костумбризм ном адабиёти маишатнигорӣ, яъне даври аввали санъати реалистӣ ба вуҷуд омад. Л. Ансоатеги де Камперо, А. Самудио, Х. Лукас Хаймес ва диг. дар ин равия достону ҳикояҳо навиштанд. Дар назми Б. охири а. 19 модернизм бартарӣ дошт (Р. Хаймес Фрейре, Ф. Тамайо ва диг.). Аз с-ҳои 20-ум маваҷи ичтимоӣ инкишоф меёбад. Дар наср да тасвири фочиаи ичтимоии ҳиндуҳои беҳуқуқ бештар рӯ оварда мешавад. Саромади ин адабиёт А. Аргедас ва нависандагони намоёнӣ Р. Ботельо Гонсальвес, А. Гильен Пинто ва диг. буданд. Романҳои А. Сеспедес «Фулузи зормонда» ва Ф. Рамирес Веларде «Коҳҳои ғам» зиндагии пурмашаққати кӯҳканҳоро тасвир намуданд. Романҳои яке аз бузургтарин нависандагони ҳозираи Боливия Х. Лара: «Сурумпи», «Янакуна» ва г. низ ба мубориза баҳри адолати ичтимоӣ бахшида шудаанд. Воқеаҳои ҳаракати революционии с. 1952 дар як қатор романҳо ба таври бадеӣ инъикос ёфтаанд: «Тири ҳоҳкӯрда» и Х. Фельман Веларде, «Хуни мо»-и Х. Лара. Санъати театри касби дар Б. чандон инкишоф наёфтааст. Аз с. 1972 дар Ла Пас театри муниципалӣ кор мекунад. Оркестри симфонии миллӣ мавҷуд аст. Карнавалҳо ҳамчун зуҳуроти маданияти миллӣ дар шаҳрҳои калон, хусусан дар «макони каҳвагӣ» ва Оруро барпо мегарданд.

БОЛИВИҲО, аҳолии Боливия. Шумораашон 5.79 млн (1976). Аз ҳиндуҳо (айморо), дурагаҳо (чоло) ва сафедпӯстон таркиб ёфтаанд. Ба забони испанӣ ҳарф мезананд. Диндорон католикҳанд.

БОЛИД (франс. bolide, аз юн. bolis — ҳарбаи ҳаводошаванда), шиҳоб (метеор) и дурахшони андозаҳои гуногун ном. Муниртарин Б. рӯзона ҳам намудор мешавад; шаҳоба чизе ва думи онро низ дидан мумкин аст. Б. ҳаҷм мегузорад, ки аз ҳам ҷудо шуда ва ҷанг иборат аст. Ҳаҷмҳои парвози Б. баъзан саҳои маҳсуб шуда мешавад. Баъзе Б.-ҳо пурра нобӯд шуда, дар шакли метеорит ба замин меафтанд.

БОЛОНЬЯ (Bologna), шаҳр дар шим. Италия, дар соҳили д. Рено. Марказ. маъмурии музофоти Болонья. Шаҳри ҳаҷми вил. Эмилия-Романья. Аҳолиаш 492 ҳаз. наф. (1969). Узели р. о., шосе ва алоқаи ҳавоӣ. Яке аз марказҳои иқтисодии мамлакат. Саноати ҳуроки (истеҳсоли орд, канд, макарон, ликёру арак, пиво ва г.) бештар тараққӣ кардааст. Корхонаҳои маҳсули асбобсози, истеҳсоли гидротурбинаҳо, автомобиль, трактор, мошинҳои саноати ҳуроки, ҳимия, таҷҳизоти р. о., бофандагӣ, дуҳандагӣ, пойафзол ва г. низ д. рад. Б. марказ. тадқиқоти атом. Дар шаҳр ун-т, институти инженери, ветеринарӣ, сайёҳ. Академияи санъати тасвирӣ, лицей, нигористон мавҷуданд. Ёдгориҳои меъмории а-ҳои 11—18 (комплекси калисоҳои романӣ — Сан-Стефано, каҷманорахои Торре-Азинелли ва Торре-Горизенда, калисоҳои Сан-Франческо, Сан-Доменико, Сан-Петронио ва г.) боқӣ мондаанд.

БОЛОТНИКОВ Иван Исаевич (с. тав. номаълум — ваф. 1608), роҳбари шӯриши зиддифеодалии деҳқонон ва холопҳо дар Россия. Собиқ холоп. Дар ҷавонӣ ба тарафи казакҳо гурехта, ба дасти тоторҳо афтод ва ба Туркия ҳамчун ғулом фурӯхта шуд. Дар киштӣ хизмат кард. Баъди аз флоти немис шикаст хӯрдани киштиҳои Туркия Б. озод шуда, ба Венеция рафт ва аз он ҷо ба воситаи Польша ба Россия баргашт. Тобистони с. 1606 Б. ба шӯриши деҳқонон ва холопҳо роҳбарӣ кард (ниг. *Шӯриши Болотников*). 10 окт. 1607 Б.-ро дастгир ва ба Каргополь бадарга намуда, чашмонашро кофта ғарқ кардаанд.

БОЛОТОВ Андрей Тимофеевич (10. 1738, деҳаи Дворяниновои уезди Алексини губ. Тула — 14. 10. 1833, ҳамон ҷо), олим ва нависанда, ёддоштнавис ва яке аз асосгузорони агрономияи рус. Б. усулҳои агротехникиро вобаста ба шароити хоку иқлими минтақа, тадбирҳои илмии истифодаи пору ва усулҳои маҳви алафҳои бегонаро кор кардааст. Аввалин бор системаи помологиро ба вуҷуд оварда, доир ба 600 навъи себу нок маълумот додааст. У навъҳои зиёди меваҷот офаридааст. Б. ҳамроҳи Н. И. Новиков журналҳои «Сельский житель» (1778—79) ва «Экономический магазин»-ро (1780—89) нашр мекард. Аз мероси эҷодии Б. махсусан ёддоштҳои ӯ, ки оид ба арзиёи рус, ҳаёти аъёну ашроф ва ҳоҷагии помещики, табаддулоти дарбор (1762), ҷанги деҳқонон (1773—75), қатли Е. И. Пугачёв ва г. маълумот медиҳанд, дорои аҳамияти таърихиянд.

Ас.: Избр. соч. по агрономии, плодоводству, лесоводству, ботанике, М., 1952.

Ад.: Морозов И., Кучеров А., Болотов — публицист, дар мачм.: Литературное наследство, № 9—10, М., 1933; Бердышев А. П., А. Т. Болотов — первый русский ученый, агроном, М., 1959.

БОЛТ (нем. Bolte), миллаи пӯлодин, ки як нӯгаш рахнеч ва нӯги дигараш сараки бисьёрнаҳлӯ дорад ва барои бо ғайка пайваст кардани қисмҳои ҷудо-ҷудои мошину конструкцияҳо истифода мешавад.

БОЛТАЕВА Шакар (тав. 1940, С. к. Айвачи р-ни Шаҳртуз), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1971). Аъзои КПСС аз с. 1960. С-ҳои 1956—60 колхозчи, 1961—62 чо-

нишини раиси к-з, 1963—65 мудири яслӣ ва аз с. 1965 сардори бригадаи пахтакории к-зи «Ленинград»-и р-ни Шаҳртуз. Бригадаи Б. дар солҳои панҷсолаи 8-ум ҳосили баланди пахта рӯёнд. Бо 2 ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОЛЬЦАНО (Bolzano) Бернард (5. 10. 1781, Прага — 18. 12. 1848, ҳамон ҷо), математик, файласуф ва фаҳеҳи чех. С. 1800 фак-ти фалсафа ва 1805 фак-ти илоҳиёти Ун-ти Прагаро хатм кард. Мудири кафедраи таърихи дин дар ҳамон ун-т (1805—20). Корҳои илмии Б. ба назарияи арифметикаи ададҳои ҳақиқӣ, асосҳои мантиқии математикаи таҳлилӣ оиданд. Дар асари асосии ӯ доир ба илми мантиқ «Илмшиносӣ» (1837) таълимоти анъанавии мантиқ аз нуқтаи назари таърихиву танқидӣ баён ёфтааст. Б. пеш аз Г. Кантор беинтиҳоии маҷмӯъҳоро тадқиқ кард ва ақидаи Г. Лейбницро дар бораи объективияти беинтиҳоӣ дастгирӣ намуд. Б. дар таълимоти фалсафиаш атомизми диалектикӣ ва афлотунияро даромехта, дар он ғояҳои фалсафии мутафаккирони атиқаро бо амалияи илмии «замони нав» мутобиқ кард.

БОЛЬЦМАН (Boltzmann) Людвиг (20. 2. 1844, Вена — 5. 9. 1906, Дуино, назди Триест), физики австриягӣ, яке аз асосгузорони физикаи статистикӣ ва кинетикаи физикӣ. Аъзои АФ Вена (1895) ва бисьёр академияҳои ҷаҳон. Ун-ти Венаро хатм кардааст (1866). Проф. физикаи назарияви дар Ун-ти Граце (1869—73), проф. математикаи Ун-ти Вена (1873—76), проф. физикаи экспериментали Ун-ти Граце (1876—89). С-ҳои 1889—1902 дар Мюнхен, Вена, Лейпциг роҳбари кафедраи физикаи назарияви буд. Б. доир ба математика, механика, гидродинамика, назарияи чандири, назарияи майдони электромагнитӣ, оптика, термодинамика ва назарияи кинетикии газҳо асарҳои илмӣ эҷод кардааст. Аммо махсусан корҳои илмии Б. доир ба назарияи кинетикии газҳо ва аз ҷиҳати статистикӣ асосноқ кардани термодинамика пуркиматанд. Б. қонуни тақсимоти суръатҳои молекулаҳои газро, ки Ҷ. К. Максвелл ёфта буд, умумият дод ва формулаи «тақсимоти Больцман»-ро муқаррар намуд, ки дар ҳама фаслҳои физикаи статисти-

кӣ истифода мешавад. Муҳимтарин кори илмии Б. тадқиқи процессҳои барнагарданда ва шарҳи статистикии асосӣ дуюми термодинамика мебошад. С. 1872 Б. функцияе (*H*-функция) ҷорӣ кард, ки ҳолати системаи макроскопии сарбастаро тавсиф медиҳад. Ӯ исбот кард, ки *H*-функция бо мурури вақт намеафзояд (*H*-теорема). Б. *H*-функцияро бо энтропияи система *S* (бо аломати аксаш) айният дода, дар байни энтропия ва эҳтимолияти термодинамикӣ W чунин вобастагиро ёфт: $S = k\ln W$. Ин таносуб асоси статистикии қонуни дуюми термодинамика ва таҳқурсии *физикаи статистикӣ* гардид. Собитаи универсалии *k* ба шарафи ӯ «собитаи Больцман» ном гирифт. Ӯ с. 1884 ба таври назариявӣ қонуни шуоъафкании чисми мутлақ сиёҳро (ки онро андаке пештар И. Стефан дар таҷриба муқаррар карда буд) исбот кард (ниг. *Қонуни шуоъафкании Стефану Больцман*). Ин тадқиқоти ӯ дар инкишофи назарияи ҳозиран шуоъафканӣ роли калон бозид. Б. поляризацияи диэлектрикҳо, назарияи термоэлектрик, диамагнетизм ва ғ.-ро омӯхт. Буньёди назарияи эффекти Холл ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Б. назарияи молекулавии сохти моддаро қатъиян тарафдорӣ мекард ва то охири умр бар зидди махистҳо, ки муқобили назарияи молекулярӣ-атомистӣ буданд, мубориза бурд.

«БОЛЬШАЯ СОВЕТСКАЯ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ», ниг. *«Энциклопедияи Калони Советӣ»*.

БОЛЬШЕВИЗМ, ҷараёни марксистии революционии афкори сиёсӣ дар ҳаракати байналхалқии коргарӣ, ибтидои а. 20 ба вуҷуд омадааст. «Большевизм, ҳамчун ҷараёни афкори сиёсӣ ва ҳамчун партияи сиёсӣ, аз соли 1903 вуҷуд дорад» (В. И. Ленин, Асарҳо, ҷ. 31, саҳ. 8, нашри тоҷикӣ). Дар Съезди 2 РСДРП (1903) ҳангоми интихоби органҳои роҳбарикунандаи партия тарафдорони В. И. Ленин аксарият (большевикон) ва мухолифони ӯ ақаллият (меньшевикон)-ро ташкил доданд. Б. нахустин ташкилоти сиёсие буд, ки муборизаро бар зидди партияҳои оппортунистии Интернационали II, барои революцияи пролетарӣ ва диктатураи пролетариат мақсади олии худ шуморид. В. И. Ленин ва большевикон муттаҳидии сафҳои партия ва барҳам додани амалиётро, ки боиси вайрон шудани якдилӣ ва интизоми партия мегардад, шарти ҳалкунандаи қувваи партия медонистанд. Партияи большевикӣ таҷассуми олии ягонагии мустаҳками назарияю амалияи революционӣ мебошад.

Б. дар рафти муборизаи шадид бар зидди душманони дохилии ҳаракати коргарӣ — «марксизми легалӣ», «иқтисодчиён», эсерҳо, анархистон, коммунистони «чап» ба камол расид ва обутоб ёфт. Б. дар миқьёси байналхалқӣ ҳам зидди зуҳуроти гуногуни оппортунизм бебокона меҷангид ва унсурҳои чапи (революционии) партияҳои с.-д. Европаи Ғарбиро, ки минбаъд дар атрофи Интернационали Коммунистӣ (с. 1919) гирд омаданд, муттаҳид мекард. Б. ленинизм, стратегия ва тактикаи он, марксизми замони империализм ва революцияҳои пролетарӣ мебошад. Партияи большевикӣ, ки с. 1903 программаи худро қабул карда буд, ба муборизаи оммаи халқи Россия бар зидди ҳукумати подшоҳӣ ва капитализм дар се революция: Рев. буржуазӣ-демократии 1905—07, Рев. буржуазӣ-демократии феврали 1917 ва Рев. Каб. Соц. Октябри 1917 роҳбарӣ кард.

Партияи большевикӣ бо сарвари В. И. Ленин муборизаи синфи коргарро барои социализм, ҷанги деҳқононро барои замин, ҳаракати умумихалқиро барои сулҳу амонӣ, ҳаракати миллии озодихоҳонаи миллатҳои ҷабрдидаро ба як маҷрои тавонои зиддифеодалӣ ва зиддиимпериалистӣ равона намуда, с. 1917 тахту тоҷи Романовҳо ва ҳокимияти буржуазиро сарнагун кард ва саҳифаи нави сохтмони ҷамъияти социалистиро кушод. Дар натиҷаи ғалабаи социализм дар СССР, мустаҳкам шудани якдилии ҷамъияти советӣ Партияи Коммунистии синфи коргар ба авангарди халқи советӣ, ба партияи тамоми халқ табдил ёфт. Ниг. низ *Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ*.

Ад.: Ленин В. И., Касалии бачагонаи «чаправӣ» дар коммунизм, Ас. ҷ. 31; Таъриҳи Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ, Д., 1973. *Ш. Султонов.*

БОЛЬШЕВИК, деҳа дар С. қ. Гулистон, р-ни Ленини РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Ленин. Аз Б. то маркази С. қ. 5 км, то район 21 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1342 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа дорои мактаби миёна, магазин, боғчаи кӯдакон мебошад. Соҳаи асосии хоҷагиаш — пахтакорӣ. Заминҳо ба воситаи канал аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

БОЛЬШЕВИК, деҳа дар С. қ. Саидназар Худойқулови р-ни Шаҳртуз, вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи «50-солагии СССР». Аз Б. то маркази С. қ. 7 км, то район 16 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1735 наф. (1976), тоҷикон. Аз деҳа р. о. Тирмиз — Қӯрғонтеппа — Ёвон мегузарад. Мактаби миёна, клуб, боғчаи бачагон, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, 2 магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

БОЛЬШЕВИК, деҳа, маркази С. қ. Қумсангир, р-ни Қумсангири вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи Жданов. Аз Б. то маркази район 4 км, роҳ асфальт. Аҳол. 678 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, китобхона, шӯъбаи алоқа, касалхона, магазин дорад. Филиали комб. хизмати маишии район (цехҳои таъмири пойафзол, сартарошхона ва ғ.) кор мекунад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, обчакорӣ, боғдорӣ (лимую токпарварӣ). Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

БОЛЬШЕВИК, деҳа дар С. қ. Мирзо Ризо, р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Москва». Дар сари роҳи мошингарди Душанбе — Тирмиз. Аз Б. то маркази С. қ. 5 км, то район 12 км. Аҳол. 713 наф. (1976), тоҷикон. Б. дорои мактаби миёна, магазин, пункти тиббӣ мебошад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ, боғдорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор ва д. Қаротоғ обёрӣ мешаванд.

«БОЛЬШЕВИКИ РОМИТ», газета, органи комитети районии ПК(б) Тоҷ. ва Советии депутатҳои меҳнаткашони собиқ р-ни Ромит. Аз с. 1936 то 1950 бо тиражи 1000 нусха ба забони тоҷикӣ ҳафтае як бор чоп мешуд. Аз № 22 (484) 22 июни 1950 нашри газета қатъ гардид.

«БОЛЬШЕВИКИ ТАВИЛДАРА», газета, органи комитети районии ПК(б) Тоҷ. ва Советии депутатҳои меҳнаткашони собиқ р-ни Тавилдара. Аз с. 1939 то 1953 ба забони тоҷикӣ чоп мешуд. Аз с. 1953 то сент. 1955 бо номи «Коммунисти Тавилдара» мебаромад. Сент. 1955 нашраш қатъ гардид.

«БОЛЬШЕВИКИ ТОҶИКИСТОН», журнали ҳармоҳаи КМ ПК(б) Тоҷ., аз янв. 1936 то 1937 бо номи «Ба ёрии коркунони партиявӣ», аз с. 1938 то 1941 бо номи «Коркунони партиявӣ» нашр шуд. С-ҳои 1941—45 чопаш қатъ гардид. Аз с. 1945 то 1952 бо номи «Б. Т.» баромад. Аз с. 1952 бо номи *«Коммунисти Тоҷикистон»* мебарояд. Адади нашри «Б. Т.» 3000 нусха (1952)буд.

«БОЛЬШЕВИКИ ШАҲРИСТОН», ниг. *«Барои коммунизм»*.

БОМАРШЕ (Beaumarchais) Пьер Огюстен Карон де (24. 1. 1732, Париж — 18. 5. 1799, ҳамон ҷо), драматурги франсавӣ. Аз оилаи соатсоз. Аз аввалин драмаҳояш («Евгения», 1767; «Ду дӯст», 1770) сар карда Б. нобаробариҳои ҳиҷтимоии даврашро ҳаққонӣ тасвир мекард. Дар «Ёдоштҳо»-и Б. (1773—74), ки аз чор памфлет иборатанд, усули коргузории судҳои замонаш берахмона фош шудааст. Аммо шӯҳрати ҷаҳониро ба Б. асосан мазҳакаҳои ӯ — «Сартароши севилӣ» (1775) ва «Хонадоршавии Фигаро» (1784) оварданд. Дар ин асарҳо, ки қаҳрамони асосиашон хизматгори боғайрат ва зиракуҷ доно мебошад, зиддиятҳои табақаи поёнӣ ва дворяниҳо тасвир ёфтааст. Аз рӯи ҳарду асар операҳо офарида шудаанд, ки дар театрҳои тоҷик низ намоиш дода мешаванд. *Ш. Мухтор.*

БОМАС, бомус (Bromus), алаффи растаниҳои як, ду ё бисьёрсолаи алафӣ, мансуби *ҳӯшаиҳо*. Бештар аз 100 намудаш дар ҳарду Нимкураи Замин паҳн шудааст. Дар СССР

14—15 намуди Б. вомехўрад. Дар РСС Тоҷ. 9 намудаш (B. oxyodon, B. japonicus, B. squarrosus, B. danthoniae, B. macrostachys, B. scoparius, B. popovii, B. severtzovii, B. tytthanthus) меруяд. Б. пояи сербарги рост ё хамида (баландиаш аз 5 то 120 см) ва тахтўли мўякдор ё бемўяк, барги борик, хўшагули чорўбакшакл ё сараки баизамонанди дарозруяи сабз ё бунафш дорад. Б. апр.—июль гул карда, баъдтар тухм мебандад. Тухми Б. баъд аз 2—2,5 сол ҳам хеле хуб месабзад. Б. дар киштзору боғ, заминҳои нокорам, канори чўю роҳ, сохили дарьё, марғзор, доманаю нишебиҳои кӯҳ, дар алафзору бешаи пахнбарг, настарану фарқзор ва г.

Бомас (Bromus danthoniae): 1 — намуди умумӣ; 2—хӯша; 3—тухм.

дар баландиҳои 350—3860 м аз с. б. меруяд. Б. ро ҳайвон меҳўрад. Б. 7,32—13,0% протеин, 6,30—15,62% сафида, 2,04—3,90% равған, 11,22—12,99% канд, 8,14% ашиштоб ва г. дорад. B. tectorum дар СССР кишт мешавад. Аз алафи B. secalinus ранги сабз ва кабул метиранд. B. macrostachys ро чун тиҳи ороиши парвариш мекунанд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, М., 1963. Вульф Е. В., Малеева О. Ф. Мировые ресурсы полезных растений. Л., 1929. *А. Ҳомидов.*

БОМБА (ном. Bombe — гулгула), 1) номи кадимаи гулулаҳои артиллерия. Аз а. 19 сар карда дар артиллерияи рус гулулаҳоро Б. ном доданд, ки бештар аз 1 пуд (16 кг) буданд. Ибтидои с-ҳои 30-уми а. 20 истилоҳи Б. аз истилоҳоти артиллерия хориҷ гардид. 2) Б. и авиационӣ — навъи лаҳзимоти авиационӣ, ки аз самолет е ҷиг. ашиарати пириш партофта мешавад. Аз тана (1), ҳушаҳо (2), моддаи тарканда (3), стабилизатор (4) ва ҳалқаи баллисти (5) иборат аст. Б-баста ба характери

Б-ҳо фугаси (барои вайрон кардани иншоати ҳарбӣ ва саноатӣ, ҳайвонҳо, аслиҳа, аэродрому пулҳо ва г.), пошхўранда (барои маҳви одамон, артиллерия, нақлиёт ва г.), зиреҳшикан (барои маҳви объектҳои зиреҳпўш ва оҳанубетонӣ), зиддитанкӣ (барои зарба задан ба танку техникаи зиреҳпўш), зиддикиштӣ (барои маҳви киштиҳо), оташафрўз (барои ба вуҷуд овардани сўхтор ва маҳви аскари душман, техника ва истиҳоматгоҳ), химиявӣ (барои заҳролуд кардани одамон, техника ва маҳалҳои истиҳоматӣ); атомӣ (дар он заряди ядроиро истифода мебаранд) мешаванд. 3) Гулўлаҳои зидди заврақҳои зериобӣ. 4) Асбоб барои чен кардани қувва ва ҳарорати гази борут дар дохили мил.

БОМДОД بامداد Аҳмади Шомлу (тав. 1925, Теҳрон), шоири эронӣ. Дар ҳаракатҳои демократӣ ва миллии озодихоҳии с-ҳои 40-уму аввали 50-уми Эрон фаъолона иштирок дошт. Чанд мачмўаи ашъораш ба табъ расидааст: «Оҳангҳои фаромўшшуда» (1947), «Ҳавои тоза» (1957), «Боғи оина» (1960), «Аида дар оина» (1964), «Аида, дарахт ва ханҷар ва хотира» (1965), «Қақнус дар борон» (1966), «Марсияи хок» (1969). Ашъораш асосан дар журнали «Сухан» чоп мешавад. Б. аз намояндагони барҷастаи «шеъри нав»-и форсӣ буда, ашъораш бештар дар қолабҳои озод иншо шудааанд. Б. дар навовариҳояш ба анъанаҳои назми классикии форс-тоҷик ва фольклори Эрон («Парё», «Духтарои нанадарьё» ва г.) такья мекунад. Ашъораш характери иҷтимоию сиёсӣ дошта, озодии сухан, баробарии аҳли ҷамъият, танқиди истибдоду риёкорӣ, орзуи саодати халқ ва ободии кишвараш аз мавзўъҳои асосии шеърҳои ў мебошанд. Б. шеърро инъикоскунандаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва шоирро ифодакунандаи орзуву омоли халқ дониста, аз ин вақҳ эҷодиёт ва шахсияти В. Маяковскийро намунаи ибрат мешуморад (шеъри «Ҳарфи охир»).

Ад.: Кляшторина В. Б., «Новая поэзия» в Иране, М., 1975. *А. Абдуманнонов.*

БОМИЁН, шаҳри кадимаест, ки дар масофаи 230 км шим. ғарбии Кобул дар байни к-кўҳҳои Ҳиндукуш, дар доманаи Кўҳи Бобо воқеъ аст. Дар сарчашмаҳои а. 1 м. ёдовар мешавад. Дар замони қадим аз ин ҷо роҳи калони тиҷорати мегузашт. Оиро «Водии буддоҳои бузург» меноманд, зеро дар он ёдгориҳои нодир — дайрҳои буддоии а-ҳои 1—7 ёфт шудааанд. Дар Б. ду муҷассамаи хеле азими Буддо — кадаш яке 35 м (а-ҳои 1—3) ва дигаре 53 м (а. 5) бинандаро ба ҳайрат меоранд. Дар тоқи дайрҳо аксҳои ашрофон, мутрибаҳо ва олиҳаи Мох дар болои дучарҳаи чораспа инъикос ёфтаанд. Дар масофаи 3 км дуртар боз як дайри дигари буддоии — Кучак воқеъ аст. Дар маркази дараи калони Б. вайронаҳои ш. Гулгула бо-

Маъбади ғории Буддо, а-ҳои 5—7.

қӣ мондааст, ки оиро мугулҳо с. 1222 хароб кардаанд. Ҳоло Б. ёдгории таъриҳӣ ва маркази туризм аст.

Ад.: Пугаченкова Г. А., Искусство Афганистана, М., 1966. *Г. А. Пугаченкова.*

БОМШОД بامشاد (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳофиз, бастакор ва навозандаи машҳури давраи Сосониён. Дар Табаристон (Эрон) тав. ёфтааст. Б. муаллифи оҳангҳои «Бомшодӣ», «Найрезӣ», «Ашкана», «Тези Рост» ва г. буда, дар пешрафти санъати мусиқии давраи Сосониён саҳми босазо гузоштааст.

БОМГУРА, деҳа дар С. қ. Чўянгарон, р-ни Орҷоникидзеободи РСС Тоҷ. Дар сари роҳи мошингарди Душанбе — Ромит воқеъ аст. Терр. с-зи «50-солагии Комсомол». Аз Б. то маркази С. қ. 500 м, то район 12 км. Аҳол. 1019 наф. (1976), тоҷикон. Дар Б. ферма чорводорӣ ҳаст. Соҳаҳои хоҷагӣ — сабзавоткори, боғдорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон (кан. Роҳатӣ) обёрӣ мешаванд.

БОНДАРЕВ Юрий Васильевич (тав. 15.3.1924, Орск), нависандаи советии рус. Аъзои КПСС аз с. 1944. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). Ин-ти адабиёти ба номи Горькийро ҳатм кардааст (1951). Асарҳояш аз с. 1949 чоп мешаванд. Мачмуаи аввалини ҳикояҳои Б. «Дар дарьёи калон» (1953) ном дорад. Дар повестҳои «Батальонҳо оташ мехонанд» (1957), «Шилликҳои охирин» (1959) ва романи «Барфи сулӣ» (1969) Б. қаҳрамонии аскарон, офицерон, генералҳои советӣ ва психологияи иштирокчиёни ҷангро ошкор кардааст. Романҳои «Хомўшӣ» (1962) ва «Ду нафар» (1964) давраи пас аз ҷангро инъикос менамоянд; онҳое, ки ба замони осоишта расидааанд, ҷой ва мақоми худро меҷуянд. Мачмуаи

ҳикояҳои «Шомгоҳ» (1962), повести «Хешовандон» (1969) ба ҷавонони муосир бахшида шудаанд. Б. яке аз муаллифони сценарияи фильми «Озодшавӣ» (1970) мебошад. Дар романи «Соҳил» (1975, Мукофоти давлатии СССР, 1976) масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, маънавӣ ва сиёсии замони мо ба миён гузошта шудаанд. Барои эҷодиёти Б. низоъҳои драмавии маънавӣ, гузориши тезу тунди масъалаҳои иҷтимоӣ хос аст. Б. бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОНДАРЧУК Сергей Фёдорович (тав. 25. 9. 1920, деҳаи Белозёркаи вил. Одесса), актёр ва режиссёри советӣ, Арт. Халқии СССР (1952). Дар Омӯзишгоҳи театрии Ростови Дон таҳсил кардааст. С. 1946 баъди хизмати ҳарбӣ ба Ин-ти Умумииттифоқии давлатии кинематография дохил шуд. Нахустин бор роли Валькоро дар фильми «Гвардияи ҷавон» (1948, дар асоси романи А. Фадеев) иҷро кардааст. Б. рольҳояшро моҳирона бозида, образҳои барҷастае меофарад. Беҳтарин рольҳояш: Тарас Шевченко («Тарас Шевченко» 1951, сазовори мукофоти Фестивали 7-уми байналхалқии кино дар Карлови-Вари, 1952), Тихон Прокофьев («Адмирал Ушаков» ва «Киштиҳо ба қалъаҳо ҳуҷум мекунанд» ҳар ду—1953), партизани рус Фёдор дар фильми италиявии «Дар Рим шаб буд». С. 1956 образи романтикии Отеллоро аз рӯи асари У. Шекспир дар фильми ҳамном офарид. Б. с. 1959 чун режиссёр асари М. Шолохов «Қисмати инсон»-ро гузошт ва худ роли Андрей Соколовро иҷро кард. Ин фильм дар Кинофестивали якуми умумиҷаҳонӣ дар Москва сазовори Мукофоти Калони Тиллоӣ гардид. Барои офаридани фильми «Қисмати инсон» ба Б. Мукофоти ленинӣ (1960) дода шуд. Яке аз корҳои барҷастаи Б. чун режиссёр фильми «Ҷанг ва сулҳ» (4 қисм, аз рӯи романи Л. Н. Толстой, 1967) мебошад, ки ба қисмҳои 1-ум ва 2-юмаш Мукофоти Калони Кинофестивали чоруми умумиҷаҳонӣ дар Москва, ба қисмҳои 1—4 мукофоти Академияи санъати кино ва илми Америка — «Оскар» (1969) дода шудаанд. Дар ин фильм Б. роли Пьер Безуховро иҷро намуд. Режиссёри фильми «Ватерлоо» (истеҳсоли якҷоя СССР ва Италия, 1970). Солҳои охир дар фильмҳои «Сукути доктор Ивенс» (1975), «Муҳорибаи Неретва» (истеҳсоли якҷоя СССР, Югославия, ШМА, Швеция, 1976) рольҳои асосиро бозидааст. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1952). Б. бо ордени Ленин, ордени БайраҚи Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОНДОПАДҲАЙ Маник (тахал.; фам. аслиаш Прободҳ Кумар; 1908, деҳ. Малбодии наздики ш. Дакка—3. 12. 1956, Калкатта), нависандаи ҳиндӣ. Ба забони банголӣ менавишт. Аз с. 1945 аъзои ҷамъияти нависандагони тараққипарвари умумиҳиндустонӣ. Муаллифи 40 роман ва қариб 200 ҳикоя аст. Б. дар маҷмӯаи аввалини худ тарзи ҳаёти майдабурҷуазиро тасвир кардааст: маҷмӯаи ҳикояҳои «Хола Отошӣ» (1935), романи «Лӯхтакҳо» (1936). Мавзӯи ҳикояҳои Б.— гуруснагӣ дар Бангола, муборизаи деҳқонон барои ҳуқуқи худ (маҷмӯаи «Қалбакӣ», 1944; «Имрӯз ва пареррӯз», 1946). Б. тарафдори дӯстии ҳинду ва мусулмон буд (маҷмӯаҳои «Музди почиз», 1948; «Калон ва хурд», 1948). Дар асарҳои охирпаи бештар ба қаҳрамонҳои нав — коргарону деҳқонон мурочиат мекунад: маҷмӯаи ҳикояҳои «Вазъият» (1946), романҳои «Қиматтар аз зар» (1951), «Паҳлу ба паҳлу» (1952), «Дарьёи зард ва ҷангали сабз» (1956).

БОНИТЕТИ БЕША (нем. Bonitat, аз лот. bonitas — хушсифатӣ), нишондиҳандаи маҳсулнокии беша, ки ба муҳити иқлиму хок вобастагӣ дорад. Б. б.-ро аз рӯи баландии миёнаи дарахтон ва синни онҳо муайян мекунанд. Дар амалияи таксационии советӣ шкалаи гурӯҳҳои бонитетро, ки с. 1911 проф. М. М. Орлов тартиб додааст, истифода мебаранд. Аз рӯи он дарахтони беша ба 5 гурӯҳи бонитетӣ ҷудо мешаванд. Гурӯҳҳоро бо рақамҳои римӣ (I—V) ишора мекунанд. Ба гурӯҳи I бешаҳои аз ҳама баландмаҳсул ва ба V — каммаҳсул мансубанд. Барои намудҳои гуногуни дарахтон шкалаи умумии бонитетӣ тасдиқ карда шудааст. Барои бешае, ки аз тухму бехҷаст бунёд кардаанд, шкалаи махсус муайян карда шудааст.

Ад.: Захаров В. К., Лесная таксация, М., 1961.

БОНИТИРОВКА (лот. bonitas — хушсифатӣ), 1) баҳодиҳӣ ба ҳосилхезии хок. Б.-ро аз рӯи харитаҳои калонмасштаби хок дар шароити саҳро ва лаборатория мегузаронанд. Ҳангоми Б.-и хок процесси хокҳосилшавӣ, таркиби механикию химиявии ҷинсҳои хокҳосилкунандаю зерхобида, намӣ ва ҳангоми ба замин баҳои сифатию иқтисодӣ додан бошад, рельеф, санглохӣ, контури он, дурӣ аз маҳалли истеъмоли маҳсулоти х. қ., маълумот дар бораи ҳосилнокии эроати асосии х. қ. ва г. низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар СССР онд ба Б.-и хок тадқиқоти таҷрибавӣ гузаронида, усули ягонаи умумииттифоқии баҳодиҳӣ ба замин кор карда мешавад. Б.-и хокро бо баллҳо ифода мекунанд. Дар Тоҷикистон гузаронидани Б.-и хок асосан с-ҳои 50-ум оғоз ёфтааст. 2) Ба ҳайвоноти х. қ. додани баҳои комплексӣ аз рӯи зоту маҳсулотнокиашон. Ҳангоми Б.-и ҳайвоноти х. қ. хушзотии ҳайвон, пайдоиш, экстерьер, чусса, сифати насл ба ҳисоб гирифта мешавад. Б.-и ҳайвоноти х. қ. дар СССР аз с. 1934 ва дар РСС Тоҷ. аз с-ҳои 40-ум оғоз ёфта, оиро дар ҳамаи к-зу с-зҳо ва фермаҳои зотпарварию молӣ мегузаронанд. Б.-ро зоотехник-селекционер ё мутахассис-бонитёр мегузаронад. Аз рӯи натиҷаҳои Б. марказҳои зотгирӣ, ҷавонаҳои зотӣ ташкил мешавад.

Ад.: Борисенко Е. Я., Разведение сельскохозяйственных животных, М., 1967; Гаврилюк Ф. Н., Бонитировка почв, М., 1970; Бонитировка почв Таджикистана, Д., 1974.

БОНН (Bonn), пойтахти Республикаи Федеративии Германия. Дар мукофоти Рейн-Вестфалияи Шимолӣ, дар соҳили чапи д. Рейн воқеъ. Бандари д. Рейн, узели р. о. ва шоссе. Аэропорташ дар Ван («Кёльн-Бонн»). Аҳол. зиёда аз 300 ҳаз. нафр. (1976). Дар Б. қароргоҳи президент, парламент, ҳукумат ва муассисаҳои диг. давлатӣ, маъмурӣ ва сиёсии РФГ ҷойгиранд. Органи ҳудудоракунии Б. Совети шаҳрӣ буда, ба он обербургомистр, ки ба мӯҳлати чор сол интихоб мешавад, сардорӣ мекунад. Вазифаҳои иҷроиро директор ва ёрдамчиёни ӯ адо менамоянд. Дар Б. корхонаҳои электротехники, механикаи дақиқ ва маснуоти металлҳои ранга, саноати дорусози, полиграфия, мебель, коғаз, хӯрекворӣ, тамоку мав-

Бонн. Намуди шаҳр аз тарафи д. Рейн.

чуданд. Дар атрофи Б. ангишти бӯр истехсол мекунанд. Ун-т (1777), мактабҳои олии х. к. ва педагогӣ, консерватория, ҷамъиятҳои илмӣ дорад. Осори меъмории калисои ҷомеи романӣ (а. 11 — авв. а. 13), калисои готии ҳазрати Ремигия (1274—1317), калисои иезуитҳо (1686—1717) ва ратуша (1737), касрҳои курфюрст (а. 13) ва Поппельсдорф (1715—53). Баъди с. 1945 дар Б. райони нав ва идорахои давлати буньёд ёфт, дар маркази қадимии шаҳр ва атрофи он биноҳои замонавии ҷамъияти, маъмурӣ месозанд. Б. зодгоҳи Л. Бетховен аст. С-ҳои 1835—36 дар Ун-ти Бонн К. Маркс таҳсил кардааст. Б-ро а. 1 римиҳо бино кардаанд. Аз с. 1814 дар ҳайати Пруссия. С-ҳои 1945—49 ба минтакаи ишголии Англия дохил буд. Аз с. 1949 — пойтахти РФГ.

БОНУ (тахал., фам. аслиаш Хейфиц) Цицилия Бенциановна (тав. 1911, Киев), шоира ва тарҷумони советии рус. Курси шарқшиносиро дар Киев (1928) хатм кардааст. Аввал барои бачаҳо шеър менавишт («Ду хат», «Иттифоқи мустаҳкам», «Ҳикояти пионер», 1942). Баъдтар ба тарҷума машғул шуда, бештар ашъори А. Лоҳутиро ба руси тарҷума кардааст. Ҳамроҳи Лоҳути «Дод аз дасти акл» (1952)-и А. С. Грибоедов, «Меҳмони сангин» (1950) и А. С. Пушкинро тарҷума карда, низ ҳамроҳи У. драмаҳои «Отелло» (1940), «Шоҳ Лир» (1959) и У. Шекспирро аз англиси ба тоҷики гардонидааст. Тарҷумаи руси «Шоҳнома»-и Фирдавси (ч. 1—4, 1957—71) ҳам ба қалами Б. мансуб аст. Б. — ҳамсари А. Лоҳути. *Д. Ҳикмӣ.*

БОНЧ-БРУЕВИЧ Владимир Дмитриевич (28. 6. 1873, Москва — 14. 7. 1955, Москва), ходими давлати ва партиявии советӣ, доктори илмҳои таърих. Аъзои Партияи Коммунисти аз с. 1895. Аз оғоз танобчи Ошуриштоҳи заминченкунии Курскро хатм намуд. Аз с. 1892 иштирокчии кружокҳои марксисти. С. 1896 ба ҳорича рафта, дар Ун-ти Цюрих таҳсил гирифт ва бо гурӯҳи «Озодкунии меҳнат» ҳамкорӣ намуд. Ба Россия фиристодани адабиёти революционӣ ва дастгоҳҳои чопро ташкил кард. Бо В. И. Ленин шинос шуда, дар корӣ газетаи «Искра» фаъолона иштирок дошт. С-ҳои 1903—05 сардори Экспедицияи КМ РСДРП дар Женева, бо Н. Н. Батурин ва дигарон Китобхонаи марказӣ ва Архиви КМ РСДРП-ро ташкил кард. Дар таъсиси газетаи «Вперед» (1904), таҳёр кардани Ҷаъзди 3-юми РСДРП (1905) ва Революцияи с-ҳои 1905—07 дар Петербург иштирок дошт. С-ҳои 1910—11 аъзои ҳайати таҳририяи газетаи «Звезда», аз 1912 аъзои ҳайати таҳририяи газетаи «Правда», муҳаррири газетаи большевикии «Рабочий и солдат». Б. борҳо ҳабс шудааст. Дар давраи Рев. Октябрь коменданти райони Қасри Смольный—Таврия, аъзои Комитети мудофиаи революционии Петроград, раиси Комитети муборизо бо саботаж ва контрреволюция, мудири корҳои СКХ РСФСР (1917—20) буд. С. 1918 аъзои ҳақиқии Академияи социалистии илмҳои ҷамъиятшиносӣ интихоб шуд. Б. дар соҳаи таъриҳи ҳаракати революционӣ, таъриҳи дину атеизм, адабиёт ва этнография асарҳо навиштааст. Аз с. 1933 директори Музеи давлатии адабиёт, 1945—55 директори Музеи таъриҳи дин ва атеизми АФ СССР дар Ленинград. Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.

БОПП (Ворр) Франц (1791—1867), забоншиноси немис, мутахассиси забони санскрит ва яке аз асосгузорони забоншиносии муқоисавӣ-таъриҳи. Проф. Ун-ти Берлин (1821—64) ва акад. АФ Пруссия (аз 1822). Муҳимтарин асари Б. «Грамматикаи муқоисавии забонҳои санскрит, занд, армани, юнони, лотини, славянии қадим, готи ва немисӣ» (ч. 1—3, 1833—49) буда, дар он хешии забонҳои ҳиндуевропоӣ тадқиқ шудааст. Б. инчунин муаллифи якчанд монографияи доир ба забонҳои санскрит («Грамматикаи интиқодии забони санскрит», 1834), кельти, албани ва г. мебошад.

БОР (Bohr) Нильс Ҳенрик Давид (тав. 7. 10. 1885, Копенгаген — 18. 11. 1962, ҳамон ҷо), физики данияӣ, аъзои Ҷамъияти подшоҳии Дания (аз 1917). Асосгузори назарияи квантии атом, яке аз асосгузорони *механикаи квантӣ*. Дар инкишофи назарияи ядрои атом ва реакцияҳои ядрои, назарияи процессҳои таъсири мутақобилаи заррахои элементарӣ бо муҳит низ саҳми калон дорад. С. 1908 Ун-ти Копенгагенро хатм кард. С-ҳои 1911—12 дар Кембриҷ бо Ҷ. Ҷ. Томсон ва дар Манчестер бо Э. Резерфорд ба кори илмӣ машғул буд. Проф. Ун-ти Копенгаген (1916). У с. 1920 дар Копенгаген Ин-ти физикаи назарияви ташкил кард ва то охири умр рохбари он буд (ин ин-т ба номи ӯст). С. 1943 аз сабаби таъқиби фашистон ба ШМА рафт. Дар он ҷо Б. дар соҳтани бомбаи атомӣ иштирок кард (баъди ҷанг Б. ба Дания баргашт). Дар муборизаи зидди таҳдиди ҷанги атомӣ фаъолона иштирок дошт.

Б. барои исботи устувории атомӣ Резерфорд с. 1913 ду постулат пешниҳод кард. Мувофиқи онҳо барои электрон мадорҳои мунтаҳабе мавҷуданд, ки электрон дар онҳо ҳаракат карда, бар хилофи қонунҳои электродинамикаи классикӣ энергия намеафканад ва энергияро фурӯ ҳам намебарад, аммо ҷаҳида ба мадори «имконпазир»-и ба ядро наздиктар гузашта метавонад. Ин «ҷаҳиш»-и электрон бо ихроҷи квант (порция)-и энергия ба амал меояд. Назарияи дар асоси ин постулатҳо буньёдёфтаи сохти атом, ки онро худи Б. ва физикҳои диг. инкишоф доданд, махсусан устувор будани атомро бори аввал шарҳ дод. Ҳаҷне ҳангоми бо ҳамдигар нисбатан суст бархӯрдани атомҳо онҳо сохт ва хосияти спектри худро нигоҳ медоранд. Б. с. 1923 аввалин бор дар асоси модели пешниҳодааш системаи даврии элементҳои Менделеевро маънидод кард. Б. с. 1936 таъриҳи тасаввуроти умдаи физикаи ядроро дар хусуси гузаштани реакцияҳои ядрӣ (модели ядрои таркибӣ) баён кард. С. 1939 ҳамроҳи И. А. Уилер назарияи тақсимшавии ядроҳо — процессеро, ки дар вақти он миқдори азими энергияи ядро хориҷ мешавад, инкишоф дод. С-ҳои 40—50-ум Б. асосан ба проблемаи таъсири мутақобили заррахои элементарӣ ва муҳит машғул буд. Б. чандин бор ба СССР омада, с. 1929 аъзои хориҷии АФ СССР интихоб гардидааст. У инчунин аъзои як қатор академияҳо ва ҷамъиятҳои илмии ҷаҳон буд. Лауреати Мукофоти нобелӣ (1922).

Ас.: Прохождение атомных частиц через вещество, М., 1950; Атомная физика и человеческое познание, М., 1962.

Ад.: Нильс Бор и развитие физики, пер. с английского, М., 1960.

БОР (лот. Borum), B, элементи химиявии гурӯҳи III системаи даврии Менделеев, рақами ат. 5, массаи ат. 10, 811. С. 1808 олимони франсавӣ Ж. Гей-Люссак ва Л. Тенар кашф кардаанд. Ду изотопи табиии собит ^{10}B ва ^{11}B ва якчанд изотопҳои сунъии радиоактиви он маълуманд. Массааш дар қишри Замин $3 \cdot 10^{-4}$% аст. Дар таркиби *танакор*, кислотаи борат (H_3BO_3) ва намакҳои он (*боратҳо*) ҳомехӯрад. Б. моддаи ҳоҳистарранги сиёҳча, душворгудоз буда, хосияти нимноқили дорад; t гуд. 2075° С; t ҷӯш 3860° С. Дар ҳолати кристаллӣ ва аморфӣ маълум аст. Б.-и кристаллӣ аз ҷиҳати сахти ба алмос наздик мебошад. Б. дар аксари пайвастҳояш севалента буда, пайвастҳои комплексӣ ҳам ҳосил мекунад; адади координациониии атомаш 4. Б. нометалли дар об ҳалнашаванда, аз ҷиҳати химиявӣ дар шароити муқаррарӣ нофаъол мебошад; ҳангоми гарм кардан бо оксиген ва диг. нометаллҳо пайваст мешавад; бо металлҳои гудохта борид, бо карбон карбиди душворгудоз ва сахт ҳосил

мекунад; бо гидроген бевосита пайваст намешавад; гидридҳои он (боранҳо)-ро бо роҳи ғайримустақим ҳосил мекунанд. Дар шароити муқаррарӣ дар кислотаҳо ҳал намешавад, аммо бо кислотаи концентронидаи нитрат то ба кислотаи борат оксид мешавад. Дар ишқорҳои концентронида оҳиста-оҳиста ҳал шуда, боратҳо ҳосил мекунад. Б.-ро аз *кислотаи борат* ё аз галогенидҳои он, мас., ба воситаи диссоциацияи термикии бориди бром дар сатҳи сими тантал (дар ҳарор. 1500° С) ҳосил мекунанд. Б. дар истеҳсоли нимноқилҳо, дар металлургия, саноати шиша ва кулолгарӣ, дар тиб ва х. қ. аҳамият дорад. Б. ва пайвастҳои он барои ҳимоя аз таъсири шуои нейтронӣ ва чун бамизоноварандаи реакцияҳои ядроии мусалсал истифода мешаванд.

БОРА بارہ девори қалъа, шаҳр, саддии баланди хокӣ ва истеҳком дар гирдогирди шаҳр. Ниг. *Қалъа*.

БОРАВЗАНА باروزنه оҳанги қадимаи мусиқии форс-тоҷик. Номи ин савт дар «Фарҳанги Ҷаҳонгир» ва дар девони ашъори Манучеҳрии Домғонӣ зикр ёфтааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои зикрёфта Б. аз оҳангҳои бағоят форами давраи Сосониён будааст. *Т. Шаҳобов.*

БОРАТҲО, намакҳои *кислотаи борат* ва полиборат. Б.-и металлҳои ишқорӣ, аммоний ва таллийи яквалента дар об нағз ҳал мешаванд. Б.-ро дар собунпазӣ, саноати шиша ва ғ. кор мефармоянд. Метаборатҳои кальций $Ca(BO_2)_2 \cdot 6H_2O$, $Ca(BO_2)_2 \cdot 2H_2O$ дар кулолӣ, тетраборати натрий дар кафшергарӣ, тайёр кардани мино (эмаль) истифода мешаванд. Аз метаборати сурб $Pb(BO_2)_2$ экранҳои муҳофизатӣ (аз шуои радиоактив) тайёр мекунанд.

Б.-и табиӣ, гурӯҳи минералҳое мебошанд, ки аз намакҳои кислотаи борат ҳосил шудаанд. Қариб 40 минерали Б.-и табиӣ маълум буда, аз онҳо муҳимтаринаш улексит, *танакор*, колеманит, индерит, ашарит, гидроборацит, суанит, котоит ва ғ. мебошад. Аксари Б.-и табиӣ дар системаҳои ромбӣ ва моноклинӣ кристалл баста, сафед ё беранганд. Конҳои Б.-и табиӣ ба тарзи гуногун пайдо мешаванд: вулқоногению таҳшинӣ, эндогенӣ (дар скарнҳо), галогению таҳшинӣ (дар баҳрҳои хушкшаванда) ва ғ. Б.-и табиӣ барои ҳосил кардани намакҳои кислотаи борат, тайёр намудани ранг ва ғ. истифода мешаванд. Конҳои калони Б.-и табиии СССР дар Сибири Шарқӣ ва Ғарбӣ, Қазоқистон, Осиёи Миёна мавҷуданд.

БОРАЦИТ, минерал аз гурӯҳи боратҳои беоб, форм. химиявиаш $Mg_3[B_7O_{12}]OCl$; 62,5% B_2O_3 дорад. Дар системаи ромбӣ кристалл мебандад; кристаллҳояш дурахшон, шакли кубӣ, тетраэдрӣ ё додекаэдрӣ дорад. Аксар беранг, баъзан кабудчатоб ва хокистарӣ мешавад. Сахтиаш 7,5, зичиаш 2930—2950 кг/м³. Дар конҳои гач, ангидрит, намакҳои натрий ва калий дучор мешавад. Аз Б. дар саноат бор ҳосил мекунанд.

БОРБАД باربد (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳофиз, бастакор ва навозандаи форс-тоҷики а-ҳои 6—7. Дар Марв ба дунёё омада, дар ҳамон ҷо ваф. кардааст. Б. дар навохтани *барбат* ва санъати сарояндагӣ нобиғаи давр ба шумор мерафт. Ӯ ба дарбори Хусрави Парвиз даъват шуда, созандагону ҳофизони дарборро сарпарастӣ намудааст. Санъаткорони номии даврои Сосониён Накисои Чангӣ, Бомшод, Ромтин, Озодвори Чангӣ, Гесӯи Навогар, Саркаб ва Саркаш нозукиҳои мусиқиро аз Б. омӯхтаанд. Б. шоири соҳибтабъ низ будааст ва ихтироъ шеърҳои ҳиҷоии ин давраро ба ӯ нисбат медиҳанд. Муаллифи аввалин силсилаи сурудҳои *«Хусравониёт»* мебошад, ки матни онҳоро худаш навишта, ба Хусрави Парвиз бахшидааст. Б. 365 тарона ва оҳанг эҷод кардааст. Сурудҳои маросимию мазҳабии қадимии форс-тоҷик «Яздон офарид», «Сабздори сабз», «Сабз андар сабз», «Партави фарҳор», «Кияи Эрач», «Кияи Сиёвуш», «Боғи Шаҳриёр», «Шабдиз» ва ғ. аз ҷумлаи таснифоти Б. мебошанд. Ғайр аз ин, Б. 30 лаҳни мусиқӣ эҷод намудааст, ки қисми зиёди онҳо то кунун дар таркиби «Дувоздаҳмақом», «Шашмақом» ва «Ҳафтдастгоҳ» («Ҳафтмақом»-и Эрон) амсоли Чаковак, Нуҳуфт, Хусравонӣ, Ҷомадарон, Зерафкан, Наврӯзи Бузург, Наврӯзи Аҷам, Наврӯзи Хоро ва ғ. истифода мешавад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» се таронаи Б. («Додофарид», «Пайкори гурд» ва «Сабз андар сабз»)-ро ном мебарад. Низомӣ ва Амир Хусрав дар «Хусрав ва Ширин», «Ширин ва Хусрав» бобҳои махсусро ба маҳорати хонандагӣ ва сарояндагии Б. ва таснифоти ӯ бахшидаанд. *А. Раҷабов.*

БОРДО (Bordeaux), шаҳр дар ҷан. ғарбии Франция, дар соҳили д. Гаронна. Маркази маъмурии департаменти Жиронда. Аҳол. 276 ҳаз. наф. (1968, бо атрофаш зиёда аз 500 ҳаз. наф.). Маркази саноат ва нақлиёт. Узели калони р. о. ва бандари киштиҳои баҳрӣ. Саноати коркарди нефть, киштисозӣ ва самолётсозӣ, металлургия, химия, чӯбгарӣ, бофандагӣ, ҳуруқкорӣ (канд, шоколад, меваю равғаи) дорад. Б. яке аз марказҳои муҳими винобарорӣ дар Франция. Ун-т (1441), Академияи миллӣ ва якчанд музею театр ҳаст. Осори меъморӣ: харобаҳои амфитеатри Рим (а. 3), калисоҳои Сен-Серен (а-ҳои 11—13), Сент-Круа (а-ҳои 12—13), калисои ҷомеи Сент-Андре (а-ҳои 12—14) ва ғ.

Б. шаҳри қадимтарини Франция буда, дар таъриҳи сиёсии он роли муҳим бозидааст. Дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ (2 сент.— 18 нояб. 1914) ва дуюми ҷаҳонӣ (аз 14 июнь то 2 июли 1940) қароргоҳи ҳукумат буд.

БОРДОРШАВӢ, процесси омехташавии ҳуҷайраҳои ҷинсии нарина ва модина; асоси афзоиши ҷинсии ҳайвоноту растанӣ. Дар натиҷаи Б. зигота (ҳуҷайраи бордор) ҳосил мешавад. Б. аз насл ба насл гузаштани аломатҳои ирсиро таъмин менамояд. Дар ҳайвонот Б. ба тарзи бордоркунӣ ба амал меояд. Дар ин ҳолат паздикшавии ҳуҷайраҳои ҷинсии нарина (нутфа) ва модина (тухмҳуҷайра) ба амал омада, рефлексҳои ҷинсӣ роли калон мебозанд. Дар аксарияти ҳайвоноти обӣ (сӯзанӣӯстҳо, нармбаданҳо, баъзе моҳиҳо ва обҳокиҳо) Б. берун аз организм ба вуҷуд меояд. Тухмҳуҷайра ва нутфа дар муҳити атроф омехта мешаванд. Дар паррандаҳо, ширхӯрҳо, ҳашарот Б. дар бадани модина мегузарад (Б.-и дохилӣ). Ҳангоми алоқаи ҷинсӣ ҷинси мода нутфаи ҷинси нарро қабул мекунад. Процесси Б. бо гормонҳое, ки ҳуҷайраҳои ҷинсӣ ҳосил мекунанд, муназзам мегардад. Нутфа ва тухмҳуҷайра дар натиҷаи процессҳои ферментативии мураккаб омехта мешаванд. Дар ин ҳолат роли асосиро ферменти гиалуронидаза бозида, пардаи тухмҳуҷайраро ҳал мекунад. Ибтидои Б. аз дохилшавии нутфа (ҳамаи нутфа ё сару гардананаш) ба тухмҳуҷайра оғоз меёбад. Баъд ҳастаи нарина ва ҳуҷайраи ҷинсии модина омехта мешаванд. Дар натиҷаи табаддулоти физикию химиявӣ тухмҳуҷайра бо пардае иҳота мешавад, ки он садди роҳи дохилшавии нутфаҳои диг. мегардад. Дар аксарияти ҳайвонот ва растаниҳо баъзан ба тухмҳуҷайра якчанд нутфаҳои диг. ҳам дохил мешаванд. Вале аз рӯи қоида фақат ҳастаи яке аз нутфаҳо ба ҳастаи тухмҳуҷайра омехта шуда, ҳастаи нутфаҳои диг. нобуд мешаванд. Б. бо ду ё якчанд нутфаҳо ба вуқӯъ ояд, чанин аксар вақт бо нуқсе инкишоф меёбад. Дар натиҷаи Б. хосиятҳои физикию химиявӣ ва диг. хосиятҳои тухмҳуҷайра тағйир меёбанд. Дар он ферментҳои оксидӣ ва мубодилаи модда фаъол мешаванд. Ҳуҷайраи бордоршуда (зигота) маҷмӯи диплоидии хромосома дорад, ки онҳо минбаъд ҷуфтҷуфт мешаванд (ниг. *Мейоз*). Дар ҳар як ҷуфти он як хромосомаи падарӣ ва як хромосомаи модарӣ вуҷуд дорад.

Дар растаниҳои гурӯҳҳои гуногуни систематикӣ Б. якхела ба вуқӯъ намеояд. Он бо процессҳои зерин мегузарад: изогамия — омехташавии гаметаҳои ҳаҷман якхела (дар баъзе обсабз ва занбӯруғҳо); гетерогамия— омехташавии гаметаҳои ҳаҷман гуногун (дар обсабзҳои бӯр ва баъзе обсабзҳои сабз); конъюгация — омехташавии протопластҳои ду ҳуҷайраи нашвӣ (дар обсабзҳои конъюгатӣ, баъзе занбӯруғҳо ва ғ.); оогамия — омехташавии гаметаи калони бехаракати модина бо гаметаи хурди ҳара-

катиоки нарина (дар аксарияти растанихои дарачаи паст ва дар хамаи растанихои дарачаи олй). Дар растанихои лучтухм ва пўшидатухм Б. бо тардолудшави ба амал меояд. Дар растанихои пўшидатухм баробари процесси омехташавии нутфа бо тухмхучайра, омехташавии нутфаи диг. бо хастаи марказии халтаи чанини ба вуқуъ меояд. Дар натичаи ин хаки чанини — эндонутфа хосил мешавад, ки он моддахои хангоми сабзиш барои гизогирии зоим заррро захира мекунад. Дар растани хам ходисаи аз тухмхучайраи бордорнашуда таракки кардани зоим маълум аст. Дар черводори ва растанипарвари бари самаранокии бордоркунии сунъй истифода мебаранд.

БОРЕСКОВ Георгий Константинович (тав. 20. 4. 1907, Омск), химики совети, акад. АФ СССР (1966; аъзокорр. 1958), Қахрамони Мехнати Социалисти (1967). Ин-ти политехникии Одессаро хатм кардаст (1927). Директори Ин-ти катализи Шъъбаи Сибирии АФ СССР (Новосибирск). Асархои у асосан ба катализ бахшида шудаанд. Ба тарихи химияи ноэбоста будани фаъолии каталитикии хоси катализаторхо мукаррар намуд. Як қатор катализаторхои нав (мис.) катализатори ванадийи ва резгиниякои катализатор, ки дар саноат истифода мешаванд, кашф кард. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1942, 1946). Бо ордени Ленин ва диг. ордену медалхо мукофотонида шудааст.

БОРЖОМИ, шахр, марказ и р-ни Боржомии ВСС Гурч, курорти бальнеологии ва иклими С. р. С. Б. 152 км ба самти ғарби Тбилиси, дар баландиии дарои Боржоми (сарчашмаи д. Кура), дар баландиии то 810 м аз с. б. воқеъ аст. Таъсиротаи [illegible] харч; миёнаи июль 19 С, [illegible] нарми мўътадил (харч; миёнаи яну — 3 С), обои чашмахои минералии [illegible] нушокиб. Дар Б. [illegible] маъдан руда, чигар, талха ва г. мавриди кофи дорд мешаванд. Дорои [illegible] рамзи, таъбобатгоҳ, [illegible], пансионатхо. Зиёрати шиша, [illegible] ресторан (обхои минералии [illegible] ҳиқиқуми чангал, театри халқи, муза [illegible] ва г. дорад.

БОРЗАД пайчатуд (Brassica), авлоди растанихои як, ду ва [illegible] аз оилаи алафи. Баъзан нимбутта, мансуби [illegible]. Б. поя, ро ту ҳамида ва дар руи замин хобида ва band решаранда, барги содда, [illegible] хаби [illegible], пайчаги ё [illegible], гули зард, баъзан сафед ё гулобии дурахшо, баъзан якчинсаи 4—5 барга; хушгули тухмдор, меваи бисёр; [illegible]

дорад. Дар дунёё 320 намуди Б. маълум буда, бештар дар нохияхои мўътадили Нимкураи шимолй вомехўранд. Дар Арктика низ дучор меоянд.

Дар СССР 150—180 (дар Осиёи Миёна 51, аз чумла дар РСС Тоҷ. 34) намуди Б. маълум аст. Баъзе намудхои Б. (P. kulabensis, P. darvasica, P. borissii, P. malacotricha, P. multifidiformis, P. mollissima, P. pamirica, P. stanjukovicziana, P. vvedenskyi) танхо дар Тоҷикистон мерўянд. Намудхои P. asiae—mediae, P. nervosa, P. grisea, P. asiatica, P. tephroleuca ба Помиру Олой ва Тиеншон хосанд. Як қатор намудхои Б. чун растанихои шифой, даббоғй (P. reptans, P. anserina, P. songorica (ниг. расм), P. orientalis, P. asiae—mediae) ва хўроки чорво (P. malacotricha, P. flabellata) аҳамият доранд.

Адаб: Алексеев Ю. Е. ва диг. Травянистые растения СССР, т. 1, М., 1971. Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975.

М. Хоҷиматов.

БОРИ СИСТЕМАИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКЯ, иктидори электрикие, ки аз хосили чамъи иктидори сарфкардаи хамаи истеъмолкунандахои ба шабакахои тақсимотии система пайваст кардашуда ва иктидоре, ки барои подоши талафоти энергия дар хамаи звенохои шабакаи электр (трансформаторхо, табдилдихандахо, хатхои интиколи энергия ва г.) сарф мешавад, иборат аст. Таъиррёбии Б. с. э. вобаста ба вакт, яъне вобаста ба вакт таъир ёфтани иктидори истеъмолкунанда ё кувваи чараёни дар шабака графики бор ном дорад, ки хусусй (барои истеъмолкунандахои алохида) ва гурўхй (барои гурўхи истеъмолкунандахо) мешавад. Истеъмолкунандахои энергия на хамеша дар як вакт ва на хамеша бо иктидори пурра кор мекунанд, аз ин рў, амалан Б. с. э. назар ба маҷмўи иктидорхои хусусии истеъмолкунандахои алохида хамеша камтар аст. Б. с. э.-ро бо қимати миёнаи бор (нисбати миқдори энергияи дар ягон фосилаи вакт хосил ё истеъмолкардашуда бар давомати ин фосилаи вакт) ва миёнаи квадратонаи Б. с. э. (дар шабонарўз, квартал, сол) муайян мекунанд. Б. с. э. дар шахрхо ба хисоби миёна чунин тақсим мешавад: ба муҳаррикхои асинхронй 50—70%, ба асбобхои рўшноиҳандa 20—30%, ба ростгунак, инвертору кўрахо ва асбобхои гармкунанда 5—10%, ба муҳаррикхои синхронй 3—10%, ба талафот дар шабакахои тақсимот 5—8% энергия мувофиқ меояд.

БОРИС ГОДУНОВ (такр. 1552—13. 4. 1605), подшохи рус (аз 17 февр. 1598). Аз с. 1577 — хонсолор, аз тирамохи с. 1580 — боярин. Дар ахди шохзода Фёдор яке аз аъзоёни асосии хукумат шуда, аз с. 1587, баъди муборизаи шадиди дарборй хукмрони мутлақи давлат гардид. Баъди вафоти Фёдори бефарзанд маҷлиси Земство 17 февр. 1598 Б. Г.-ро подшох интихоб кард. Б. Г. қобилияти бузурги давлатдори дошт, баъди подшох интихоб шуданаш пеш аз хама ба дворянхои уездхо баъзе имтиёзхо дод. Баъди гуруснагии оммавии с-хои 1601—03 зиддиятхои синфй тезу тунд шуда, боиси ҷанги деҳқонон гардид. Тағъири сиёсати дохилй (дастгирии феодалон, калисо ва дворянхо, додани баъзе имтиёзхо ба халқи авом) натичае надод. Хукумати Б. Г. суст буд ва кудрат надошт, ки пеши харакати оммаи халқ ва дворянхои ҷанубии мамлакатро гирад. Б. Г. дар авчи муборизаи бо Дмитрийи қалбакии I бармахал вафот кард. Писари хурди Б. Г.— Фёдор подшох эълон шуд. Аммо 1 июни 1605 дар натичаи шуриши сокинони Москва хукумати Годуновхо сарнагун ва Фёдор кушта шуд.

БОРИСЕВИЧ Николай Александрович (тав. 21. 9. 1923, деҳаи Лучной Мост, уезди Игумен, губ. Минск), физики совети, акад. АФ РССБ (1969), аъзо-корр. АФ СССР (1972) ва президенти АФ РССБ (аз 1969). Аъзои КПСС аз с. 1945. Ин-ти Белоруссияро (Минск) с. 1970 хатм кард. С-хои 1955—60 ҷонишини директор ва рохбари лабораторияи физикаи шуъъохои инфрасурхи Ин-ти физикаи АФ РССБ. Асархои



илмиаш асосан ба люминисценцияи молекулаҳои мураккаб дар фазои газӣ, спектроскопияи шуоъҳои инфрасурх ва электроникаи квантӣ оиданд. Усулҳои оптикии муайян кардани ҳарорати молекулаҳои ангехта ва тавсифҳои диг. онҳоро тадқиқ кард. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7—9). Бо 4 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОРИШОТи атмосферӣ, обе, ки дар ҳолати моеъ ё сахт (борон, барф, жола) аз абр ба Замин меборад ё бевосита дар сатҳи Замину предметҳои рӯи он ба туфайли конденсацияи бухори оби таркиби ҳаво пайдо мешавад (яхча, қирав, шабнам). Б.-ро бо ёрии асбобҳои махсуси боришсанҷ ба ҳисоби мм чен мекунанд. Миқдори Б. вобаста ба арзи географӣ, масофа аз уқёнус, самти бод ва рельефи маҳал дар мавзеъҳои гуногуни кураи Замин гуногун мешавад. Миқдори **боришоти солона** ба ҳисоби миёна 1000 мм аст. Мас., дар воҳаи Ҳарҷаи Республикаи Миср Араб қариб бориш намешавад, вале, дар маҳалли Черрапунҷии Ҳиндустон Б. то ба 11 400 мм мерасад. Дар Тоҷикистон миқдори Б.-и солона 448 мм (дар Душанбе 620 мм) аст. Қ-кӯҳҳои Ҳисор пеши ҷараёни нами ҳаворо мегиранд. Дар натиҷа, миқдори солонаи Б. дар ин водӣ то ба 2000 мм мерасад. Дар ҷануби Тоҷикистон ва Помири Шарқӣ миқдори солонаи Б. кам (150—80 мм), дар ҳавзаи Қарокӯл ва р-ни Мурғоб аз ин камтар (72—73 мм) аст. Мавзеъҳои помбурда районҳои камбориши Иттифоқи Советӣ ба шумор мераванд. Максимуми Б. дар водиҳо моҳҳои март—апр., дар кӯҳистон моҳҳои апр.—май мушоҳида мешавад. Дар районҳои баландкӯҳ пайдо шудани намрезаву яхча ҳодисаҳои характерноки иқлими Тоҷикистон аст. Ба ғайр аз об дар таркиби Б. заррачаҳои чанг, микроорганизмҳо, маҳсули коҳиши элементҳои радиоактив низ мавҷуданд.

В. А. Латифова.

БОРИҶА (Ferula gumosa), гиёҳи бисьёрсола, мансуби *чатргулҳо*. Баландиаш то 1 м. Барги сермӯяки хокистарранг, гули майдаи заъфарон ва хушагули чатршакл дорад. Май—июнь гулу мева мекунад. Б. растании монокарп аст, яъне як маротиба гулу мева карда, баъд тамоман мехушкад. Танҳо дар алафзори нишебиҳои минтақаи даштии Осиёи Миёна (Копетдоғи РСС Туркм.) меруяд ва берун аз СССР дар Эрон вомехӯрад. Зифти он (галбанум) дар тиб истифода мешавад. Решаи Б. 2,8—3,8% равғани эфир ва то 24% зифт дорад.

БОРН (Born) Макс (11. 12. 1882, Вроцлав — 5. 1. 1970, Гёттинген), физики немис, яке аз асосгузорони механикаи квантӣ. Дар лабораторияи Ҷ. Лармор ва Ҷ. Ҷ. Томсон кор кардааст (1907—08, Кембрич). Доираи тадқиқоти Б. асосан татбиқи назарияи квантии А. Эйнштейнро дар ҷисмҳои сахт ва сохти атом, назарияи математикии механикаи квантӣ ва шарҳи статистикии он (бо ҳамкории В. Гейзенберг ва П. Иордан), назарияи нисбият, назарияи динамикии панҷараи кристаллӣ (1913—15, бо ҳамкории М. Лауэ), назарияи бархӯрди микрозарра ва ғ.-ро дарбар мегирад. Б. мафҳуми муҳими термодинамикии энергияи панҷараро кор карда, дар асоси он як қатор собитаҳои физикӣ ва химиявиро муайян намуд (1919). Б. тарзи ҳисобкунии ҷилди электронии атомро муайян кард ва методи тақрибии назарияи бархӯрди микрозарраҳоро, ки бо номи ӯ машҳур аст, пеш ниҳод (1926). Ба механикаи квантӣ мафҳуми операторро дохил намуд (1926, бо ҳамкории Н. Винер). Б. бештар аз 350 рисолаи илмӣ, аз он ҷумла 20 китоби илмиву илмӣ-оммавиро таълиф намуда, ба табъ расондааст. Б. аъзои хориҷии АФ СССР (1934), аъзои як қатор академияҳо ва ҷамъиятҳои илмии ҷаҳон буд. Лауреати Мукофоти нобелӣ (1954).

Ас.: Атомная физика, М., 1965.

БОРНИТ, минерал, форм. химиявиаш Cu_5FeS_4. Аз 52 то 65% мис ва аз 8 то 12% оҳан дорад. Системаи кристаллбандиаш кубӣ буда, бештар дар шакли массаҳои зичи донадор ва заррачаҳо вомехӯрад. Рангаш тира, сурхча. Ҷилояш металлӣ. Сахтиаш 3; зичиаш 4900—5300 кг/м³. Дар рагҳои гидротермали ҳамроҳи халькозин, галенит, сфалерит, пирит дучор меояд. Дар натиҷаи оксидшавӣ аз Б. минералҳои малахит, азурит, куприт ва г. ҳосил мешавад. Б. маъдани муҳими мис аст. Конҳои калони Б. дар Урал, Закавказия, Қазоқистон мавҷуданд.

БОРОДИН Александр Порфирьевич (12. 11. 1833, Петербург — 27. 2. 1887, ҳамон ҷо), бастакор ва химики рус. С. 1856 Академияи тиббии ҷарроҳиро хатм кард. Аз с. 1858 доктори илмҳои тиб, аз с. 1877 акад. Аз с. 1874 роҳбари лабораторияи химияи Академияи тиббии ҷарроҳӣ. Яке аз ташкилотчиён ва педагогҳои мактаби олӣ барои занон — Курсҳои тиббии занон. Муаллифи зиёда аз 40 асар оид ба химия. Тадқиқоти илмиаш ба аналогияи кислотаҳои фосфат ва арсенат дар нисбатҳои химиявӣ ва саммӣ (токсикологӣ) доиранд. Аз с-ҳои 50-уми а. 19 ба навиштани романсу пьесаҳо барои фортепиано, ансамбльҳои камераиии инструменталӣ шурӯъ кард. С. 1862 бо М. А. Балакирев шинос ва ба Маҳфили «Тӯдаи муқтадир» дохил шуд, ки ба ташаккули ақидаҳои мусиқию эстетикии ӯ таъсири амиқ расонд. Осори мусиқии Б. бисьёр набошад ҳам, дурдонаи қиматбаҳоест дар ганҷинаи мусиқии классикии рус. Намоёнтарин асари Б. операи нотамоми «Князь Игорь» мебошад, ки барои он 18 соли умраашро сарф кардааст. Операро баъди вафоти Б. аз рӯи материалҳои вай Н. А. Римский-Корсаков ва А. К. Глазунов ба итмом расондаанд. Ин операро намунаи эпоси қаҳрамонӣ дар мусиқии миллии рус меҳисобанд. Б. бо Римский-Корсаков ва П. И. Чайковский аввалин намунаҳои асари симфониро эҷод кардааст ва яке аз асосгузорони симфонияи классикӣ ва квартети руси мебошад. Б. симфонияи якумашро с. 1867 ва симфонияи дуюмашро («Баҳодурӣ»), ки баландтарин қуллаи симфонияи эпикии рус ва ҷаҳонӣ мебошад, с. 1876 навиштааст. Бехтарин асарҳои камераиии инструменталии Б. квартети 1-ум (1879) ва 2-юм (1881) ба ҳисоб меравад. Эҷодиёти Б. ба бастакорони рус ва хориҷӣ таъсири калон расондааст. Анъанаҳои эҷодиёти Б. барои тараққиёти мусиқии халқҳои Кавказ ва Осиёи Миёна низ аҳамияти калон доранд.

БОРОДИН Сергей Петрович (25. 9. 1902, Москва — 22. 6. 1974, Тошкент), нависандаи советии рус. Аъзои КПСС аз с. 1943. Ин-ти олии адабиёт ба номи В. Я. Брюсовро хатм кардааст (1926). С-ҳои 20-ум дар экспедицияи археологӣ ва этнографии Самарқанд, Бухоро, Помир, Қазоқистон, Ар-

Борҷа: 1 — қисми болоии растанӣ; 2 — мева; 3 — буриши мева.

манистон ва Шарқи Дур иштирок кардааст. Муаллифи романҳои «Бухорои вопасин» (1932), «Миср» (1932); маҷмуаи новеллаҳои «Устои мурғон» (1934), повести «Тавлиди рангҳо» (1938), романи таърихии «Дмитрий Донской» (1941, Мукофоти давлатии СССР, 1942), романи сегонаи «Ситорахо дар осмони Самарқанд» (1953—71, тарҷ. тоҷ. 1961, китоби 3 нотамом) мебошад. Романи «Ғуломон» ва «Ёдгоштҳо» и С. Айниро ба рус тарҷума кардааст. Б. бо 2 орден ва чанд медаль мукофотонида шудааст.

БОРОН, бориши атмосфери, ки аз абр дар шакли чакрахои об мерезад. Б. аз об шудани заррахои барфу кристаллхои ях е конденсацияи бухори об ба вучуд меояд. Диаметри чакрахои Б. то 7 мм мерасад. Б-и диаметри катрахояш то 0,5 мм ро Б-и симсим, Б. и сахти кутохмуддатро Б. и сел меноманд. Шиддати (интенсивият) Б. аз 0,25 мм/с (Б-и симсим) то 100 мм/с (Б. и сел) тағйир меёбад. Б. одатан аз абрхое (бештар аз абрхои қабата ва қабатаи борони) мерезад, ки дар харорати поён аз ноль чакрахои фавқуссард ва кристаллхои ях доранд. Чандирии сершавии бухори об дар болои чакрахо назар ба чандирии сершавии ин бухор дар болои кристаллхои ях (дар ҳамон як харорат) бештар аст, бинобар ин хатто абри нисбат ба чакрахо аз бухори об носер, нисбат ба кристаллхои ях фавқуссер хоҳад буд. Ин боиси инкишофи кристаллхо, дар айни замон бухоршавии чакрахо мегардад. Баробари калону вазнин шудани кристаллчахо аз абр поён меоянд (дар ин вакт чакрахои фавқуссард дар сатҳи кристаллчахо часпида, ях мебанданд). Ҳангоми ба қабатҳои ҳарораташ мусбат расидан кристаллчахо об шуда, ба чакрахои Б. мубаддал мешаванд. Дар пайдоиши Б. ба ҳам часпидани чакрахои абр роли намоён намебозад. Баъзан, ҳангоми бо чараёни ҳаво ба қабатҳои болои атмосфера бардошта шудани заррахои моддаҳои органикиву неорганики Б. и ранги сафед, сурх, норанҷи ва г.) мушоҳида мешавад. Нег. низ *Борон-ш.*

БОРСАКЕЛМАС, ҷазира дар шимали Арал. Масоҳ. 133 км². Тӯлаш 27 км, паҳнаш то 11,5 км. Баландиаш то 113 м (к. Чайка). Ҷазира аз гилҳои гачдор, рекҳо ва мергельҳо таркиб ёфтааст. Сохилҳояш асосан пасту ҳамвор. Иқлимаш континенти. Харорати миёнаи июль 26° С, янв. то —11° С. Дар Б. растаниҳои биёбонӣ (шибак, шура, най, саксавул, сулиҳо ва г.) мерӯянд. 12 намуди ҳайвонҳои шиҳҳор ва 180 намуди парранда(он) вомехурад. Дар ҷазира кӯрӯки Борсакелмас воқеъ аст, ки с. 1959 бо мақсади ҳифзи биёбон ва ҳайвонҳои хоси он (саймак, оху, ҳармони зард ва г.) ташкил ёфтааст. Масоҳати кӯрӯк 185 ҳаз. *Т.*

БОРУТ, омехтаи сахти тарканда, ки бо осонӣ дар гирифта, ба миқдори зиёд гармӣ ва маҳсули газмонанд ҳориҷ мекунад. Б. омехта (аз ҷумла дуднок) ва бедуд мешавад. Б.-и омехта аз моддаи сӯзанда ва оксидкунанда иборат аст. Аввалин бор Б.-и дуднок (сиёҳ)-ро, ки омехтаи механикии селитраи калий (оксидкунанда), ангишти чӯб (моддаи сӯзанда) ва сульфур аст, дар Хитой истифода бурдаанд. Дар Европа, аз ҷумла дар Россия, аз а. 13 кор фармуда шуд. Б.-и бедудро аз пластификацияи нитроцеллюлоза бо ҳалкунандаҳои органики ҳосил мекунанд. Б.-и дуднокро барои тарконда гирифтани пораҳои калони сангҳои ороишӣ (мармар, санги хоро, диабаз ва г.) ва Б.-и бедудро барои таркондани пармачоҳҳои обдор, дар яроҳҳои оташфишон, ҳамчун сӯзишвории ракетӣ, дар пиротехника ва г. истифода мебаранд.

БОСИРА (ар. باصرة — биной, қувваи биниш, чашм), яке аз қувваҳои ҳисси панҷгона; бо узви биной дарк намудани олами беруна ва дар бораи он маълумот гирифтан. Ашъёи олами беруна ба чашм ба воситаи нурбарори е инъикоси нур таъсир мерасонад. Чашми баъзе бемуҳраҳо танҳо равшаниро аз торикӣ фарқ карда метавонад. Б. ду навъ мешавад: монокуляри (бо як чашм дидан) ва бинокуляри (бо ду чашм дидан). Б.-и бинокуляри имконият медиҳад, ки масофа то предмет қиёс гардад ва предмет на дар ҳамвори, балки дар фазо (стереоскопи) дида шавад. *Ибни Сино* яке аз аввалин касоне буд, ки сохти чашмро омӯхта, мушаҳҳаҳои онро тасвир кардааст. То давраи ӯ тахмин мекарданд, ки қисми асосии чашм зучочия аст. Ибни Сино ин ақидаро рад карда ва исбот намуд, ки тасвири ашёро шабакияи чашм медиҳад.

Ад.: Кравков С. В., Глаз и его работа, М.-Л., 1950; Нуллатов А. М., Никифоров А. С., Чудеса природы, Д., 1972. *Н. Турсунов.*

БОСМАЧИГИ (аз турки—босмоқ—ҳамла овардан, паҳш кардан), ҳаракати мусаллаҳи контрреволюционии миллатчиги дар Осиёи Миёна (1917—26), шакли муборизаи синфии феодалон, бойҳо, *кулакҳо*, муллоҳои иртиҷоӣ, миллатчиёни буржуазӣ бар зидди Ҳокимияти Советии Баъди Рев. Октябрь дар республикаҳои советии Осиёи Миёна қувваҳои аксулинқилоби бо ерии империализми хориҷи ба мақсади аз Россияи Совети ҷудо кардани ин республикаҳо ва барқарор гардонидани ҳукмронии худ дастаҳои Б. ташкил намуданд. Асоси идеологияи Б.-ро панисломизм, пантуркизм ва миллатчигии буржуазӣ ташкил медод. Ташкилотҳои аксулинқилобии *«Шӯрои исломиё»*, *«Шӯрои уламо»*, *«Алаш»* ва г. ба ҳаракати Б. бевосита роҳбарӣ мекарданд. Асоси иҷтимоии Б.-ро бойҳо, руҳонӣён, тоҷаронии иртиҷоӣ ташкил медоданд. Дастаҳои Б. аввал дар Фарғона (дек. 1917) ва баъдтар дар маҳалҳои диг. Осиёи Миёна ташкил ёфтанд. Дар Тоҷикистони Шимолӣ Б. дар нимаи дуюми с. 1918, дар Бухорои Шарқӣ тирамоҳи 1921 ба вуҷуд омад. Моҳият, таркиби иҷтимоӣ, тарзи муборизаи Б. вобаста ба шароит тағйир меёфт. Б. аз ҳоратгариҳои оддӣ то баромадҳои мусаллаҳона инкишоф ва ба роҳзанӣ табдил ёфт. С-ҳои 1918—21 дастаҳои босмачиёни *Мадаминбек*, *Кӯри Шермат* ва Раҳмонқулқӯрбошӣ дар водии Фарғона, 1921—23 дастаҳои босмачиёни Ҳамроқулқӯрбошӣ дар водии Зарафшон, Лаҳадмаҳсум дар волости Қистакӯз, Холбӯта дар волости Ӯротеппа, дастаҳои босмачиёни Иброҳимбек, Эшон Султон, Фузайл Маҳсум, Раҳмондодҳо дар Бухорои Шарқӣ бар зидди Ҳокимияти Советӣ муборизаи бурда, сохти советиро дар республикаҳои советии Осиёи Миёна барҳам доданӣ мешуданд. Ба амалиётҳои ҷангии Б. собиқ вазири ҳарбии Туркия *Анварпошшо* роҳбарӣ мекард. 15 мои 1922 ба ихтиёри ӯ аз хориҷа ба воситаи Афғонистон 200 аскар, 800 туфанг, 80 шутур тиру борут ва 4 пулемёт фиристода шуд. Дар таъмини аслиҳа махсусан Англия ва Туркия роли калон бозиданд. Анварпошшо дастаҳои парокандаи босмачиёнро муттаҳид намуда, шуморои умумии онҳоро ба 17 ҳазор нафар расонд ва баҳори с. 1922 қисми зиёди РХСБ-ро забт кард. КМ РКП(б) ва Ҳукумати Советӣ барои барҳам додани дастаҳои босмачиёни Анварпошшо чораҳои конкрети диданд. Армияи Сурх бо кӯмаки отрядҳои деҳқонон ва милиции халқӣ июни 1922 ба дастаҳои Анварпошшо зарбаи қатъӣ зада, моҳи июль Душанберо озод кард ва бо ҳамин мақсади иғвогаронаи империалистони хориҷиро барбод дод. Дастаи босмачиёни Иброҳимбек с. 1926 торумор шуд. Боқимондаҳои босмачиён дар Осиёи Миёна дар давраи *коллективонии ҳоҷагии қишлоқ* сар бардоштанд, аммо ба амалиёти охирини онҳо низ зарбаи қатъӣ зада шуд. Б. дар Бухорои Шарқи се марҳалаи асосӣ дорад. Марҳалаи якум — аз тирамоҳи с. 1921 то 1923, ки Б. авҷ гирифта, ба он дастпарварони империалистони хориҷӣ — моҷароҷӯён роҳбарӣ менамуданд. Марҳалаи дуюм — аз нимаи дуюми с. 1923 то охири 1924, ки Б. таназзул карда, Ҷанги граждании дар Тоҷикистон анҷом ёфт. Марҳалаи сеюм — аз с. 1925 то миёнаҳои 1926; дар ин давра, дар асоси амалиёти ҳарбию сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва оммавии сиёсии ташкилотҳои партияви барои торумор кардани ҳоратгарони боқимонда ду маъракаи зарбазанӣ гузаронида шуд. Дар натиҷа дастаҳои Б. дар ҳудуди Тоҷикистон торумор шуданд. Б. ба ҳоҷагии республика зарари калон расонд. Заминҳои ҳосилхези водиҳои Ҳисор,

Вахш ва вилоятҳои диг. Тоҷикистон ба биёбонҳои беоб табдил дода шуданд. С-ҳои 1922—24 аз аҳолӣ тақрибан 3 млн сӯми тилло ситонида ба амири гуреза фиристода шуд. Дар Бухорои Шарқӣ с. 1925 миқдори чорво нисбат ба 1919 хеле кам шуд (асп — 48937 сар, гов — 10000, гӯсфанд — 4880000, буз — 2200000). Б. аҳолиро хонахароб ва қишлоқҳоро вайрон кард.

Дар муборизаи зидди Б. ду қувваи ба ҳам зид — системаи социализм ва капитализм рӯ ба рӯ гаштанд. Халқи тоҷикро дар ин мубориза диг. халқҳои мамлакатамон, пеш аз ҳама халқи рус, инчунин пролетариати байналхалқӣ дастгирӣ намуд. Роҳбари ин мубориза Партияи Коммунистӣ ва КМ ВКП(б), органҳои маҳаллии он дар Осиёи Миёна буд, ки ба онҳо арбобони намоёни партия ва Давлати Советӣ аз қабили М. В. Фрунзе, В. В. Куйбышев, Я. Э. Рудзутак, Г. К. Орҷоникидзе, Ш. З. Элиава ва диг. роҳбарӣ мекарданд. Дар мубориза ба муқобили Б. бисьёр сарлашкарони Армияи Сурх — С. С. Каменев, С. М. Будённый, М. К. Левандовский, Н. Ф. Федько, П. Е. Дыбенко, Е. Н. Швецов, Н. Е. Кокурин, П. А. Павлов, Н. Д. Томин, Т. Т. Шапкин, Я. А. Мелькумов мардонагӣ ва қаҳрамонӣ нишон доданд. Дар торумор намудани Б. ҳамсаф ва шогирдони В. И. Ленин — М. В. Фрунзе, В. В. Куйбышев, Я. И. Рудзутак, Г. К. Орҷоникидзе, коркунони партиявӣ ва сиёсӣ — В. М. Мулин, Ч. А. Путовский, А. Раҳимбоев, А. Т. Федин, Ҷ. Зокиров, Б. В. Толпыго, Н. Лутфуллоев, Ш. Шотемуров, Р. Боймуродов ва бисьёр диг. роли ҳалкунанда бозиданд. Отрядҳои ихтиёрӣ бо роҳбарии Ҳайдар Усмонов, Муқим Султонов, Абдулло Ёрмуҳаммадов, Қарохон Сардоров, Ҳақбердӣ Мирзомуҳаммадаминов, Бобохон Ҳамдамов, Юлдош Соҳибназаров, Муллошариф Раҳимов ва диг. дар торумори Б. ҳиссаи арзанда гузоштанд.

Ад.: Иркаев М., История гражданской войны в Таджикистане, Д., 1963; История коммунистических организаций Средней Азии, Ташкент, 1967. *М. Эркаев.*

БОСТОН (Boston), шаҳр дар шим. шарқии ШМА, шт. Массачусетс, дар соҳили уқ. Атлантик. Маркази асосии иқтисодии Англияи Нав ва яке аз марказҳои саноат, молия ва маданияти ШМА. Аҳол. 641 ҳаз. наф. (1970), бо атрофаш 2,7 млн наф. Бандари асосӣ (муомилоти бор 20 млн т) ва базаи флоти моҳидорӣ. Узели калони р. о. ва шоссе. Саноати гуногуни мошинсозӣ: радиоэлектроника ва асбобсозӣ, истеҳсоли муҳаррикҳои авиационӣ ва қисмҳо барои самолёту ракета, мошинҳои электрикӣ, дастгоҳсозӣ, истеҳсоли таҷҳизот барои соҳаҳои саноат (хусусан саноати бофандагӣ, пойафзол), киштисозӣ, инчунин саноати химия, резин, полиграфия, хӯрокворӣ ва саноати сабук тараққӣ кардааст. Академияи санъат ва илмҳои Америка, 2 ун-т, ин-ти санъати муосир, музеи санъати нафиса дорад. Осори меъмории а-ҳои 18—19 боқӣ мондааст. Буньёди шаҳр с. 1630.

БОСФОР (давлати Босфор), Б о с п о р, давлати ғуломдории атиқа дар соҳили Баҳри Сиёҳ, ки дар натиҷаи иттиҳоди шаҳрҳои юниониён дар нимҷаз-ҳои Керчь ва Тамань (тақр. с. 480 то м.) ба вуҷуд омад. Пойтахташ Пантикапей (Керчи ҳозира), ш-ҳои калонтарини он Фанагория, Гермонасса (Тамани ҳозира), Феодосия, Тиритака, Нимфей ва Горгиппия, (Анапаи ҳозира) буданд. Аз охири а. 5 то нимаи якуми а. 4 то м. сарзамини скифҳо ва қабилаҳои синду меотҳо дар ҳайати давлати Б. буд. Ҳокимият аввал ба дасти авлодони Археанактиҳо (480—438), баъдтар ба сулолаи Спартокиҳои Юнон (438—109) гузашт. Дар а-ҳои 4—3 то м. ба ш-ҳои Юнон ва Осиёи Хурд ғалла, чорво, моҳӣ, пӯст бурда, равғани зайтун, ғазвор, асбобу анҷоми фулузӣ меовардаанд. Иқтисодиёти Б. ба истисмори ғуломон ва аҳолии тобеъ асос ёфта буд. Б. маданиятва санъати баланд дошт. Ш-ҳои Б. аз ҷиҳати сохт ба ш-ҳои Юнон ва Осиёи Хурд монанд буданд. Дар а. 2 то м. Б. ба бӯҳрони иқтисодию ичтимоӣ дучор гардид, ки натиҷаи фишори скифҳо ва сарматҳо буд. Охири а. 4 м. гунаҳо ҳуҷум карда, Б.-ро барҳам доданд.

Зарф аз кӯрғони Кӯлоба, а. 4 то м., Эрмитаж, Ленинград.

Ад.: Гайдукевич В. Ф., Боспорское государство, М.-Л., 1949.

БОСФОР (туркӣ Karadeniz Bogazi, юн. Bósporos), ғулӯҳои байни Европа ва нимҷаз. Осиёи Хурд, Баҳри Сиёҳ ва Баҳри Мармарро мепайвандад. Тӯлаш 30 км, бараш аз 750 м то 3700 м. Б. водии қадими дарьёи буда, онро дар давраи антропоген оби баҳр пахш кардааст. Соҳилҳояш баланди пахш кардааст. Соҳилҳояш баланди шаҳдор. Лангаргоҳҳои табиӣ дорад. Бехтаринаш Шохи Тилло. Чуқурияш аз 33 то 80 м. Б. ду ҷараёни дорад: ҷараёни болоӣ (шӯрии об 18‰) аз Баҳри Сиёҳ ба Баҳри Мармар ва ҷараёни поёнӣ (шӯрии об 38‰) аз Баҳри Мармар ба Баҳри Сиёҳ ҳаракат мекунад.

БОСҚУНҶОҚ, кӯли шӯр дар вил. Астрахани РСФСР, 50 км шарқтар аз д. Волга, дар назди к. Богдои Калон. Масоҳ. 106 км². Б. аз с. б. 19,5 м паст. Кӯл дар натиҷаи ҳодисаи тектоникӣ пайдо шудааст. Манбаи обаш чашмаҳои шӯри соҳил ва боришот. Аз Б. ҳар сол бо усули механикӣ 4 млн т намаки ошӣ истеҳсол мекунанд.

БОТАНИКА (юн. botáne — растанӣ, алаф, кабудӣ, сабзавот), маҷмӯи илмҳо дар бораи инкишоф, афзоишу паҳншавӣ, таҳаввулу масъалаҳои таснифи растанӣ. Б. бо илмҳои дигари табиатшиносӣ (физика, химия, геология, тиб, география ва г.) алоқаи зич дошта, *морфологияи растанӣ, анатомияи растанӣ, эмбриологияи растанӣ, цитологияи* растанӣ, *генетикаи* растанӣ, *систематикаи растанӣ*, географияи растанӣ (нег. *Геоботаника*), *биохимияи* растанӣ, физиологияи растанӣ барои соҳаҳои илмро дарбар мегирад. Гурӯҳҳои чудогонаи растаниро *микробиология, альгология, микология, лихенология, ушнашиносӣ* (бриология), *дендрология, калинология* меомӯзад. Дар асоси Б. *фитопатология* ва *фармакология* ташаккул ёфтааст. Б.-и муосир бо усулҳои тадқиқотии физика, химия, кибернетика ва г. такомул меёбад. Дар заминаи комьёбиҳои астрономия соҳаи астроботаника ба вуҷуд омад. Ба кайҳои баромадани одам водор менамояд, ки иттиҳоби растанӣ чуз манбаи оксиген дар маркази диққат бошад. Ташаккулу такомули илмҳои агрономӣ ба комьёбиҳои Б. алоқаманд аст. Одамон аз давраҳои қадим оид ба растаниҳо маълумот доштанд. То асрҳои миёна, асосан дар Ҳиндустони Қадим, Осиёи Миёна, Миср ва Хитой, оид ба растаниҳо бештар маълумот пайдо шуд. Дар охири асрҳои миёна талабот ба растанӣ (ҳамчун манбаи дорухои табобатӣ ва маҳсулоти нави озуқавӣ) якбора афзуд. Барои тартиб додани аввалин гербарияҳо, ташкили боғҳои ботаники ва таснифи растаниҳо кӯшиш карданд. Б. ҳамчун системаи мунтазами донишҳо оид ба растаниҳо дар а-ҳои 17—18 ташаккул ёфта, дар а-ҳои 19—20 якчоя бо табиатшиносӣ ба тараққиёти пурарҷ расид. Назарияи таҳаввулии Ч. Дарвин ба систематика таъсироти ҳалкунанда расонид. Дар инкишофи соҳаҳои гуногуни Б. олимони рус ва советӣ К. А. Тимирязев, И. В. Мичурин, А. Н. Бах, В. И. Палладин, Д. Н. Прянишников, Н. И. Вавилов ва г. саҳми арзанда гузоштаанд.

Тараққиёти Б. дар СССР бо корҳои тадқиқии ин-ти ботаникии ба номи В. Л. Комарови АФ СССР ва диг. ин-тҳои ботаникаи АФ республикаҳои иттифоқӣ алоқаманд аст. Тадқи-

коти ботаникӣ дар ин-тҳои илмии махсустардонидашудаи АФ СССР (Ин-ти физиологияи растанӣ, Ин-ти биохимия, Ин-ти микробиология, Ин-ти ҷангалпарварӣ, Боғи асосии ботаникии АФ СССР) ба роҳ монда шудааст. Масъалаҳои мухталифи растанипарвари дар маркази диккати муассисаҳои Академияи умумиттифоқии илмҳои х. қ. меистад.

Тадқиқоти ботаникӣ дар РСС Тоҷ. таърихи қадима дорад. Ибни Сино, Абурайҳони Беруни, Исмоили Ҷурҷонӣ дар а-ҳои 10—11 аз хусуси растаниҳо доруи, ранговар ва ғизоӣ маълумот додаанд. Ба селекционерони гузашта офаридани хелҳои пуркиммати галладонаю лӯбиёҳо ва меваҳоту сабзавот муяссар гаштааст, ки баъзе онҳо то ба замони мо омада расидаанд. Баъдтар омӯзиши флораи Тоҷикистон бо экспедицияҳои географию ботаникӣ ибтидо ёфт, «Флора Памира» (О. А. Федченко, 1903), «Растительность Туркестана» (Б. А. Федченко, 1915) барои асарҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Ботаникҳои Тоҷикистон оид ба фитогеографияи Помиру Олой, дарёҳои омӯзиши флораи растаниҳои дарачаи олӣ ва паст, экология, география ва флорогенетикаи онҳо, муайяннкуни ва санҷиши растаниҳои пуркиммат, барои кабулизор кардан, тараққии ҷангалпарварӣ, бехтар кардани базаи хуроки чорво, муайяннкуни растаниҳои доруи ва фоиданоки техники тадқиқоти комплексӣ мебаранд. Тадқиқи хусусиятҳои морфологию анатомия, ситологии растаниҳои меъёдори маҳалли ва ғайримаҳалли ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба ин тадқиқоти экспедиционӣ, стационарию лабораторӣ рочеъ ба систематика, анатомия, фитохимия, фитоценология, генетика ва селекцияи растаниҳои пуркиммат ва сабзиши растанӣ дар боғу майдонҳои таҷрибавӣ бурда мешаванд.

Дар Тоҷикистон тадқиқоти ботаникӣ дар Ин-ти ботаникаи ордени Байраки Сурхи Меҳнатдори АФ ба амал баровардо мешавад. Дар ин-т гербарии зиёда аз 130 ҳаз. растаниҳо ва дар кӯрӣ 50 ҳаз. растаниҳо сиҳадорӣ ва ҳаёти Миёна гирд оварда шудааст. Дар таҳти таҳрири Б. И. Ниҷиченкова «Флора Таджикской ССР» и бисёрҷилда ба табъ мерасад. Ҳаҷми он чоп шудааст, ки дар ҳаҷми 1.2 ҳазор растаниҳо аз оилаҳо ҳушмиҳо, шурамиҳо, настаранниҳо, ҷаҳмутиҳо, асиракиҳо ва г. маълумот медиҳад. Ҳаритаи ботаникӣ ва мебоботи райониҳои РСС Тоҷ. тартиб дода шудааст. Тадқиқоти ботаникӣ дар Ин-ти биологии Помир (рочеъ ба экология, геоботаника, дендрология, генетика, селекция ва г.), дар кафедраҳои ботаникаи Ун-ти давлатии Тоҷикистон, ин-тҳои педагогии Душанбе, Ленинобод ва Ин-ти х. қ. низ ба ҳаҷм дорад. Дар боғҳои ботаникии Душанбе, Ленинобод ва Хоруг микдори зиёди растанӣ парвариш меёбанд. Ботаникҳои Тоҷикистон аъзои Ҷамъияти илмии умумиттифоқии ботаникаю география ва биохимия мебошанд. Асарҳои илмии ботаникӣ дар «Докладҳои АФ РСС Тоҷикистон», «Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон», журнали «Хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷикистон» ва г. ба табъ мерасанд.

Ад.: Наука Советского Таджикистана, Д., 1974; Станюкович К. В., Ботаника, дар кит.: Таджикская Советская Социалистическая Республика, Д., 1974.

А. А. Ашӯров.

БОТВИННИК Михаил Моисеевич (тав. 4. 8. 1911, Куоккала, ҳозира Репино), шоҳмотбози советӣ, доктори илмҳои техника (1951). Аъзои КПСС аз с. 1940. Гроссмейстери СССР (1935), гроссмейстери байналхалқӣ (1950), Устоди Химатиншондодаи Спорти СССР (1945). Чемпиони ҷаҳон (1948—57, 1958—60 ва 1961—63), ҳафт карат чемпиони СССР, навовари соҳаи назарияи дебют ва муаллифи бисёр асарҳои оид ба шоҳмот. Раиси ҷамъияти дӯстии СССР — Нидерландия (1959). Бо ордени Ленин, 3 ордени диг. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БОТИН, ниг. *Зоҳир ва ботин.*

БОТИНИЯ (ар. [illegible] — дарунӣ, доҳилӣ), яке аз номҳои фирқаи *исмоилия*. Баъзан Б.-ро равияи алоҳидаи *ислом* медонанд, ки нодуруст аст. Б. дар қатори *таълимия* ва г. ба исмоилия тааллуқ дошта, аз ҷиҳати пайдоиш, таълимот ва хусусиятҳояш аз исмоилия фарқе надорад. Б. дар а. 8 пайдо шуда асосан манфиати табакаҳои миёнаи аҳолии шаҳр ва деҳқонони мазлумро ифода мекард ва ба идеологияи расми зид буд. Ботиниён даъво мекарданд, ки Қуръон ғайри маънои зоҳирӣ маънои ботинӣ низ дорад ва бинобар ин таъвили махсусеро талаб мекунад. Ибтидои ин даъво ба замони таксими ислом ба равиҳои суннӣ ва шиа рост омада, дар таълимоти исмоилия ба нуқтаи олии инкишоф расид. Аз назари ботиниён моҳияти асосии Қуръонро Али ибни Абутолиб ва асҳоби у медонанд ва гуё ин маъноро ба онҳо пайғамбар *Муҳаммад* мерос гузоштааст. Пайравони Б. ба муқобили ҳамаи ононе, ки маъмурии зоҳирии Қуръонро ба иноят метирифтанд, муборизе бурда, онҳоро зоҳирӣ меномиданд. Таъсири Б. ба афкори фалсафию динии асрҳои миёна хеле зиёд буда, бисёр мутафаккиронро онвакт аз усули таъвили ботинии Қуръон барои ривочи озодфикри истифода мебурданд.

Х. Додахудоев.

БОТКИН Сергей Петрович (17. 9. 1832, Москва—24. 12. 1889, Ментонаи Франция), ҳодими ҷамъияти, духтур-терапевти рус, асосгузори ҷараёни физиологии дар тиббӣ клиникӣ. С. 1855 факультети тиббии Ун-ти Москваро хатм намуд, аз 1861 проф. клиникаи муолиҷавии Академияи тиббии ҳарбии Петербург. Б. яке аз асосгузорони тиббӣ илмии клиникӣ мебошад. Аввалин бор дар Россия лабораторияи таҷрибавиро, ки дар он ҷо таъсири физиологию фармакологии моддаҳои доруӣ тадқиқ шуданд, ташкил кард. Инкишофи процессҳои патологии организмро омӯхта, онро дар ҳайвонот тадқиқ намуд. Ақидаҳои клиникию назариявии Б. дар нашрҳои «Курси клиникаи беморихои дарунӣ ва лекцияҳои клиникӣ» пурра баён шудаанд. Тарафдори тавҷеҳи материалистии томии организм буд. Дар тиб ба ҷараёни пав асос гузошт, ки онро И. П. Павлов нервизм номида буд. Аввалин шуда ақидаи ба худ хос будани сохти сафедаи ҳар як аъзоро баён кард, характери сироятии гепатити вирусиро (ниг. *Бемории Боткин*) муқаррар намуд. Б. «Архив клиники внутренних болезней проф. С. П. Боткина» (1869—89) ва «Еженедельная клиническая газета»-ро (1881—89) нашр мекард. С-ҳои 1878—89 раиси Ҷамъияти ба шарафи Н. И. Пирогов ташкилшудаи духтурони рус. Касби духтурони санитариро ҷорӣ карда, онро ба беҳтар намудани ҳолати санитарӣ ва кам кардани адади фавт дар Россия (1886) чораҳо андешидааст. 85 нафар шогирдони Б. доктори илм (аз ҷумла А. А. Нечаев, М. В. Яновский, И. П. Павлов ва г.) мебошанд. Дар Петербург дафн шудааст.

Ас.: Курс клиники внутренних болезней и клинические лекции, т. 1—2, М., 1950.

БОТНИК (шведӣ Bottniska viken, финӣ Pohjanlahti), халиҷ дар қисми шим. б. Балтика, байни Швеция ва Финляндия. Тӯлаш 668 км, паҳнаш то 240 км, чуқуриаш то 290 м. Масоҳ. 117 000 км². Б. ба ду қисм ҷудо мешавад: шим.— Боттенвик (хал. Ботник) ва ҷан.— Боттенхав (б. Ботник), ки ба воситаи гул. Норра—Кваркен бо ҳам алоқамандand. Бо б. Балтика ба воситаи гул. Сёдра — Кваркени байни ҷаз-ҳои Аланд ва соҳили Швеция пайваст аст. Зимистон яхмебандад. Бандарҳои асосиаш: Васа, Оулу (Улеаборг), Пори (Финляндия), Лулео Умео (Швеция).

БОТСВАНА (Botswana), Республикаи Ботсвана (Republic of Botswana), давлат дар Африкаи Ҷанубӣ, ки дар байни Намибия, Родезияи Ҷанубӣ ва РАҶ воқеъ гардидааст. Аъзои Иттиҳоди Британия, то ба даст овардани истиқлолият (1966) протекторати Британияи Кабир буд ва Бечуаналенд ном дошт. Масоҳ. 600,4 ҳаз. км². Аҳол. 700 ҳаз. наф. (1975). Пойтахташ — ш. Габороне.

Б. — республика. Конституцияи ҷорӣ 30 сент. 1966 аз тарафи ҳукумати Британияи Кабир қабул шудааст.

Мувофиқи ин конституция президент — сардори давлат, ҳукумат, сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ буда, ноиби президенту вазиронро таъин, парламентро даъват ва пароканда мекунад. Органи олии ҳокимияти қонунбарор — парламент (Маҷлиси миллӣ) аз 37 депутат иборат аст. Палатаи пешвоён органи машвараті буда, аз 15 аъзо иборат аст.

Табиат. Б. масоҳати васеи пастхамии Калахари ва пуштакӯҳҳои атрофи онро ишғол намудааст. Баландии миёнааш аз с. б. 800—1000 м. Рельефаш ҳамвор, дар Ш. каму беш теппаю теппачаҳо дорад. Иқлимаш — субтропикӣ, дар Шим. тропикист. Ҳарор. миёнаи янв. аз 21° то 27° С ва июль 16° С. Боришоти солона 500—600 мм (дар Калахари камтар аз 250 мм). Дарьёҳо асосан ба ҳавзаи Лимпопо тааллуқ доранд. Набототаш даштӣ ва даштию биёбонист. Зироатчигӣ бе обьёрӣ имконнопазир аст. Олами ҳайвонот бой ва гуногун: шер, паланг, шағол, кафтор, заррофа ва бузи кӯҳӣ. Калтакалос ва мор (морҳои печон, айнакдор ва ғ.) хеле зиёданд. Аз сарватҳои зеризаминӣ маъдани манган, асбест, маъдани мису никель, конҳои алмос ва ангиштсанг мавҷуданд.

Аҳолӣ. Аҳолии асосии Б.-ро халқҳои гурӯҳи бантузабон: бечуанҳо (80%), машонаҳо (12%), педиҳо ва ғ. ташкил медиҳанд. Забонҳои давлатӣ — англисӣ ва сетсвана. Чорьяки диндорон насронӣ, боқимонда пайравиҳои дину оини анъанавии маҳаллӣ мебошанд. Ш-ҳои асосӣ: Габороне (37 ҳаз. наф., 1976), Серове, Молепололе.

Очерки таърихӣ. Таърихи Б. то а. 19 чандон омӯхта нашудааст. Аҳолии маҳаллии мамлакат—бушменҳоро бечуанҳои аз шарқ омада танг намуда, ба биёбони Калахари рондаанд. Аз ибтидои а. 19 европоиён ба мамлакат сар даровардаанд, дар миёнаи с-ҳои 50-уми а. 19 заминҳои бечуанҳоро бурҳо ишғол карданд. С. 1885 ҳукумати Англия заминҳои шимолии бечуанҳо (ҳоки ҳозираи Б.)-ро бо номи Бечуаналенд протекторати худ эълон кард. Пас аз он ки с. 1910 дар ҷануби Африка Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ доминиони Британияи Кабир гардид (аз 1961 — РАҶ), Бечуаналенд аз ҷиҳати иқтисодӣ мутеи Англия шуд.

Муборизаи бечуанҳо бар зидди ҳукмронии мустамликадорон дар с-ҳои 20—30-юми а. 20 махсусан авҷ гирифт. Маъмурияти мустамликадорон дар ҷавоби он ки аҳолӣ як нажодпарасти сафедпӯстро мазаммат карда, зери калтак гирифтааст, 1933 ба ҳоки қабилаи бамангватҳо дастаи бо пулемёту тӯпҳо мусаллаҳро фиристод. С. 1960 ҳаракати озодихоҳии миллии мамлакат ба марҳилаи нав дохил шуд; аввалин партияи сиёсӣ — Партияи халқӣ ташкил ёфта, истиқлолияти Бечуаналендро талаб

кард. С-ҳои 1961—65 партияҳои дигар ҳам таъсис ёфтанд. Дар шароити авҷи ҳаракати озодихоҳии миллӣ ҳукумати Англия маҷбур шуд, ки гузашт кунад. С. 1965 протекторат ба соҳибихтиёрии дохилӣ ноил гардид ва аввалин бор дар таърихи мамлакат интихоботи Маҷлиси қонунбарор барпо шуд; Партияи демократӣ, ки с. 1962 ташкил ёфт, бо сардории Серетсе Кхама ғолиб омад ва Кхама сардори ҳукумат гашт. 30 сент. 1966 Бечуаналенд республикаи мустақили Б. эълон шуд ва дар ҳайати Иттиҳоди Британия монд. Баробари эътибор пайдо кардани конституцияи мамлакат Маҷлиси қонунбарор вазифаи Маҷлиси миллиро иҷро намуда, сардори ҳукумат Кхама президенти республика шуд. Б. 17 окт. 1966 ба аъзогии ТДМ қабул гардид. Ҳукумати Б. барпо намудани ҷамъияти сернажоди демократӣ ва мустаҳкам кардани дӯстиро бо диг. давлатҳои мустақили Африка мақсади сиёсати дохилӣ ва берунии худ эълон кардааст: вай сиёсати апартеидро маҳкум мекунад. С. 1970 байни Б. ва СССР муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда шуданд.

Хоҷагӣ. Б. мамлакати аҳбмондаи аграрист. Асоси иқтисодиёти он х. қ. буда, чорводорӣ бартарӣ дорад. С. 1976 мамлакат 2,5 млн сар гов ва 1,4 млн сар бузу гӯсфанд дошт. Хушксолӣ зуд-зуд бориши талафи зиёди чорво мегардад. Зироат танҳо дар ноҳияҳои шарқӣ ва шимолии мамлакат ривоҷ ёфтааст. Фақат 5%-и заминҳои киштбоб истифода шуда, арзан, чуворимакка, гандум, лӯбиёгиҳо ва каду мекоранд. Дар хоҷагиҳои европоиён арахис (чормаҳзи заминӣ), тамоку, картошка, растаниҳои цитруси ва пахта парвариш меёбанд. Саноат суст тараққӣ карда, асосан ба капиталҳои Англия ва Республикаи Африкаи Ҷанубӣ вобастааст. Маъдани манган ва асбест ҳосил мекунанд. Аз худуди Б. р. о. мегузарад (634 км), ки аз РАҶ то Родезияи Ҷанубӣ меравад. Тӯли тамоми роҳҳои автомобильгарди мамлакат қариб ба 8 ҳаз. км мерасад. Дар Ланье, Молепололе, Габороне аэропорт ҳаст.

Б. чорво, гӯшт, пӯст, консерви гӯштӣ ва орди устухон, инчунин маъдани манган экспорт мекунад. Ба мамлакат аз хорича хӯрокворӣ (галла, орд ва ғ.), газвор, олоти х. қ., масолеҳи биноқорӣ, маҳсулоти нефть ва автомошин оварда мешавад. Зиёда аз $^2/_3$ қисми импорт ва $^3/_5$ ҳиссаи экспорт ба РАҶ рост меояд. Шарикони дигари савдои Б. Британияи Кабир, Родезияи Ҷанубӣ, Замбия ва Республикаи Демократии Конго мебошанд. Воҳиди пул — пула (1 пула = 1,22 доллари ШМА; 1977).

Маориф. Аввалин мактабҳои ибтидоии Б. дар а. 19 кушода шуданд. Соли таҳсили 1968 дар мактабҳои ибтидоӣ 78,9 ҳаз. ва дар мактабҳои миёна зиёда аз 2,3 ҳаз. талаба таҳсил мекард. Таълим то синфи 5 ба забони чуанӣ ва аз синфи 5 ба забони англисӣ мегузарад. Б. мактаби олӣ надорад.

Дар давраи мустамликаи мамлакат газетаву журнал надошт. Ҳоло ба забонҳои чуанӣ ва англисӣ чандин газетаю журнал мебароянд. Радио низ ба забонҳои чуанӣ ва англисӣ кор мекунад.

БОТУЛИЗМ (лот. botulus — колбаса), заҳролудии ғизоиди сироятӣ аз хӯрок, ки сабаби вай микробҳои анаэроб ва заҳри (токсини) онҳост. Аломати Б. бо фалаҷи мушакҳои гӯлаи ташм, бинию гулӯ, забон, рӯда ва ғ. зоҳир мегардад. Ҳангоми Б.-и шадид бемор нафастанг шуда мурдаташ мумкин аст. Микробҳои Б. дар ҳама ҷо паҳн шуда бе оксиген ҳаёт мегузаронанд. Гов, хук, аси, ҳоиндаҳои касал манбаи асосии сироятанд. Заҳролудӣ аксар аз хӯрдани моҳии шӯру дудиҳт, рони хук ва консерви хоҷагӣ сар мезанад. Барои афзоиши микроб ва ҳосил шудани заҳр муҳити мувофиқи ғизо, ҳарор. аз 15° С баланд, набудани оксиген ва мудлати дурудароз вокеъ будани микроб дар чунин шароит кифоя аст.

Пешгирӣ ва муолиҷа: риояи қоидаҳои санитарию гигиени ҳангоми тайёр кардан ва нигоҳ доштани консерв; истифодаи вакцинаи зиддитоксинӣ ва дорухои мукавви.

Ба ҳайвонот Б. аз ему хошок сироят меёбад. Ба Б. бештар аспу парранда гирифтор мешаванд. Ҳайвони касал каминтиҳо, серхоб шуда, забонаш баромада меистад, аз биниаш риму фасод меояд. Касали аз 2 соат то 6—9 шабонаруз давом мекунад. Ҳайвони касал одатан ҳалок мегардад.

Пешгирӣ ва муолиҷа: тозанигоҳ доштани ему хошок, ба ҳайвонҳои касал ва дар хоҷагиҳои чорводорӣ бо баробари саршавии касали ба ҳайвонҳои солим ҳам зардоби махсус гузаронидан, шустани меъдаи ҳайвонҳои касал.

БОТУМИ, шаҳр дар РСС Гурҷ., пойтахти РАСС Очор. (аз 1921). Бандарест дар соҳили Баҳри Сиёҳ.

Ст. охирини р. о. Боку-Ботуми. Аҳол. 118 ҳаз. наф. (1977). Маркази саноату курорти Оҷористон. Ба воситаи Б. чуҷу тахта, ғалла, канду шакар, лавозимоту таҷҳизот оварда, ба хорича маҳсулоти нефть, чой, консерву мева мебароранд. З-дҳои истеҳсоли маҳсулоти нефть, мошинсозӣ (мошину таҷҳизоти саноати чой ва диг. соҳаҳои саноати ҳуроковарӣ), киштисозӣ, асфальту бетон, асбобҳои электротехники, комб. чубгарӣ, ф-каи чой, комб. ситрусӣ, з-дҳои пиво, шир ва г. дорад. Ин-ти педагоги, техникуми саноати совети, омӯзишгоҳҳои бахрнавардӣ, тиббӣ, мусиқӣ, маданӣ-маърифатӣ, театри драма, музей, боғи ботаники мавҷуданд. Дар наздикии шаҳр курортҳои Махинчаури, Зелёный Мыс (Димоғаи Сабз), Пихидзиори ва Кобулети чой гирифтаанд, ки дар онҳо беморихои узвҳои нафас, системаи асаб, анемия, системаи гардиши хун, гипертония табобат карда мешаванд. Шаҳр дар чои калъаи Тамарисцихе бунёд ёфта, дар асрҳои миёна бо номи Баломи машҳур буд. Дар с. 17 туркҳо забт карданд. С. 1878 аз руи шартномаи Берлин ба Россия ҳамроҳ шуд.

БОТУРОБОД, деҳа дар С. к. Авантарди р-ни ва вил. Курбонтеппа. Терр. к-и ба номи К. Маркс. Аз Б. то маркази р-он 22 км, то ст. р. о. Курбонтеппа 2 км. Аҳол. 4000 наф. (1976), тоҷикон, узбекҳо, русҳо ва г. Мактаби миёна, 2 мактаби ибтидоӣ, клуб, китобхона, 2 пункти тиббӣ, амбулатория, 3 магазин, шуъбаи алоқа, комб. хизмати маишӣ (цехҳои либосдӯзӣ, таъмири пойафзол, ҷартарошхона, устохонаи таъмири радио ва телевизор) дорад. Соҳаи хоҷагии асосии пахтакорӣ, лимупарварӣ ва боғдорӣ ва ниҳолпарварӣ ба ҳисоб рафтаанд. Заминҳо аз д. Вахш ба воситаи канал обёрӣ мешаванд.

БОТУРТЕППА, кушки деҳқонии аввали асрҳои миёна, дар масофаи 5 км шарқтари деҳаи Суҳиёни р-ни Панҷакент воқеъ аст. Бинои дуошёна буда, кабати болоии ҳаймаи шудааст. Дар марказаи кабати поёнии ҳаймаи ҳаҷмаш 11 м, дар ду тарафи ин ҳаймаҳо равоқҳои ҷойгир шудаанд. Бостоншиноси С. Ҳ. Ҷ. ва Ю. Ю. Ю. тамҳо як қисми ин ҳаймаро кофтанд. Б. аз ҳишти хом ба 25×15 м сохта шудааст. Аз руи ҳаҷмҳо ва мавҷудиятҳо маълум мешавад, ки он ... сохта шудааст. Дар с. 11—12 ҳаёт дар Б. бори дигар барқарор мешавад. Аммо дере нагузашта, одамон ба сабабҳои номаълуме боғро ҷиҳро тарк кардаанд. *Ю. Ҳ.*

БОТУҲОН, Боту Саҳоқи (1206—1255), хони муғулҳо, писари Чучи, набераи Чингизхон. Баъди вафоти падараш (1227) сардори улуси Чучи шуд. Бахши ғарбии Дашти Қипчоқро (1236) ба Ғарбиҳои Шарқи ... (123...) ... Дар натиҷаи мубориза барои ҳукмронии давлати Ҳулоҳу дар мудофиаи Рязань, Москва, Владимир, Козельск, Киев ва диг. шаҳрҳо қӯшуни Б. талафоти калон дод ва суст шуд. С. 1240 муғулҳо ба Европаи Шарқӣ (Польша, Чехия, Венгрия, Далмация) ҳуҷум карда, ба муқобилати халқҳои ин сарзамин дучор омаданд ва баҳори с. 1242 ақиб нишастанд. Вафоти хони бузурги муғулҳо Уқтой (дек. 1241) Б.-ро маҷбур сохт, ки ба улуси Чучӣ баргашта, мавқеи худро мустаҳкам намояд. С. 1243 дар поёноби д. Волга Б. давлати феодалии Ӯрдуи Тилло (Олтин Ӯрда)-ро ташкил кард. Ниг. низ *Истилои муғул*.

БОФАНДАГӢ, процесси технологии аз ресмоҳ бофтани *матоъ*. Матоъ аз бофтаи ду системаи наҳҳои нисбат ба ҳамдигар амудӣ — *тору пуд* ҳосил мешавад (ниг. *Бофти тору пуд*). Тайёр кардани тору пуд процессҳои зеринро дарбар мегирад: нахпечонӣ, тортанӣ, оҳардиҳӣ ва фарқкушой. Ҳар процесс дар дастгоҳи махсус ичро мешавад. Торро ба *дастгоҳи бофандагӣ* таранг мебанданд. Дар ин дастгоҳ, ки мошини асосии истеҳсолоти Б. аст, коркарди минбаъдаи матоъ сурат мегирад. Ҳангоми бо тартиби гуногун бофтани тору пуд матои ҳаҳела ва ҳангоми гуногунранг будани наҳҳо матои рах-рах, катак ва гулдору суратдор ҳосил кардан мумкин аст. Абрешим, пашм, заҳирпоя, канаб, пахта, ҷут ва г. ашёи хоми Б.-анд.

Цехи ресандагии фабрикаи трикотажи Душанбе.

Б. аз касбҳои қадимаи халқҳои Осиёи Миёна мебошад. Матоъҳои гуногун, ки косибони Бухоро, Самарқанд ва шаҳрҳои дигари ин сарзамин дасти мебофтанд, дар замони давлатдории Сомониён шуҳрати ҷаҳонӣ доштанд. Дар давоми асрҳо аҳолии маҳалли аз алоча, ҳалами, суф, чит, карбос, матои ҳоҷа, дока ва г. истифода мебурданд. Б. и Тоҷикистони тоҳиҳлоби характери майдакосибӣ дошт. Чиҳози Б. — асосан ҳалҷоҳо, чарм, дуҳоҳ ва г. буд. *Х. Сайдов.*

БОФТАИ БАДЕӢ, яке аз лаҳзаҳои асосии эҷоди асари бадеӣ, ки нависанда воқеиятро реалиро ба инобат гирифта, рӯйдодҳои нави бадеӣ месозад. Чи тавре ки дар вақташ Арасту таъкид карда буд, шоир «на дар бораи ҳодисаи ҳақиқатан ба вуқӯъ омада, балки дар бораи он чӣ метавонист рӯй диҳад, яъне аз рӯи эҳтимол ва ё зарурат имконнопазир аст, суҳан меронад» («Поэтика», М., 1957, саҳ. 67). Ҳатто дар он асарҳое, ки ба воқеаҳои реалӣ такья мекунанд, то дараҷае Б. б. мавҷуд аст ва чунин зоҳир мегардад, ки нависанда рафтори чудгона, азобҳои рӯҳӣ, гуфтугӯи персонажҳоро «аз худ мебофад». Б. б. дар санъат кори бошиддат ва бамуддаои эҷодист, ки дар рафти он нависанда ҳаётро ба таври бадеӣ дарк мекунад. Б. б., аз як тараф, барои офаридани образҳои «зинда»-и ҷасим роли калон мебозад, зеро нақли оддии пассивонаи фактҳои реалӣ танҳо «нақш»-и беҷони воқеиятро дода метавонад. Аз тарафи дигар, нависанда воқеаҳоеро, ки аз рӯи эҳтимол ё зарурат ба миён омаданашон мумкин буд, офарида, ба ин восита образи бадеӣ ба вуҷуд меоварад. Нависанда фактҳои ҳаёлиро эҷод карда, хусусиятҳо ва тамоюлоти тамоман ҳақиқӣ ва объективии ҳаётро дарк мекунад. М. Горький ҳуди моҳияти процесси эҷодиёти адабиро Б. б. медонист. Вай навишта буд, ки дар замири инсон ду қувваи пурзӯри эҷодӣ: идрок ва тасаввур инкишоф меёбад. Идрок — қобилияти муоина, муқоиса, омӯзиши ҳодисаҳои табиат ва фактҳои ҳаёти иҷтимоист, хулоса карда гӯем: идрок—тафаккур аст. Тасаввур ҳам, моҳиятан, тафаккур дар бораи олам аст, вале бештар тафаккури ба воситаи образҳо — тафаккури «бадеӣ» аст... («М. Горький о литературе», М., 1955, саҳ. 311). Ин «тафаккури» махсус дар образҳои бадеии ҳангоми тахайюли бадеӣ ба вуҷуд омада таҷассум меёбад: образи Григорий Мелехови М. Шолохов, Василий Тёркини А. Твардовский, Одинаи С. Айнӣ, Ҳасани аробакашӣ М. Турсунзода ва г.

БОФТАҲО, системаҳои алоқамандӣ ҳуҷайраҳо ва структураҳои ғайриҳуҷайравӣ, ки сохти бо ҳам монанд дошта, вазифаи муайянро ичро мекунанд. Сохт ва ҷойгиршавии Б.-ро *гистология* меомӯзад. Узвҳо ва бадани ҳайвоноти бисёрҳуҷайра ва организми растаниҳо аз Б. иборатанд. Б. и ҳайвонот эпители, пайвастку нанда, мушакӣ ва асабӣ мешаванд. Б. и эпители асосан вазифаи муҳофизат, ихроҷ ва ҷаббиширо ичро мекунанд. Б. и эпители руи бадани рӯда, деворои ҷавфи шикамро мепӯшанд. Б. и эпители аз руи миқдори қабати ҳуҷайраҳо як ва бисёрқабата, шакли ҳуҷайраҳояшон — лавҳачашакл, кубӣ ва призмашакл ва пайдоишашон — экто-, энто- ва мезодермавӣ (ниг. *Ҷанин*) мешаванд.

Камолуддин Бехзод. «Аёдати хешовандон Мачнунро».
Минётур дар дастнависи «Лайлй ва Мачнун»-и Амир Хусрави Дехлави.
Охири а. 15 — авв. а. 16.
Китобхонаи оммавии ба номи М. Е. Салтыков-Щедрин. Ленинград.

Ба мақолаи Бехзод Камолуддин.

Б.-и пайвасткунанда аз *мезенхима* инкишоф меёбанд ва дар таркиби худ миқдори зиёди моддаи байниҳуҷайравӣ доранд. Ба ин гурӯҳи калони Б. *хун, лимфа,* Б.-и пайвасткунандаи ретикулярӣ, ковок ва зич, инчунин Б.-и пайвасткунандаи тагоякӣ ва Б.-и пайвасткунандаи устухонӣ дохил мешаванд. Б.-и пайвасткунандаи ретикулярӣ (тӯрӣ) аз ҳуҷайраҳои ҷойгиршавиашон тӯршакл ва нахҳои ретикулярӣ иборат буда, узвҳои махсуси муҳофизатӣ ва хунҳосилкунанда (*испурч*, гиреҳҳои лимфа, магзи устухон)-ро ташкил мекунанд. Б.-и пайвасткунандаи ковок аз ҳуҷайраҳои ҳархела, торҳо ва моддаи байниҳуҷайравии аморф иборат буда, клетчаткаи зерипӯстӣ, қабатҳои ковоки узвҳо ва байни узвҳоро ташкилу ҳаракатнокии узвҳоро таъмин мекунанд. Б.-и пайвасткунандаи зич аз торҳои коллагенӣ ва эластикӣ, инчунин миқдори начандон зиёди моддаи аморф ва ҳуҷайраҳо иборатанд ва асосан рагу пайро ҳосил мекунанд. Б.-и пайвасткунандаи тагоякӣ аз ҳуҷайраҳои калон ва моддаи зичи байниҳуҷайравӣ иборат буда, тагояки банд, қабурға, бинӣ, гӯш ва ғ.-ро ҳосил мекунанд.

Б.-и пайвасткунандаи устухонӣ аз системаи мураккаби лавҳачаҳои устухонӣ ташкил ёфта, вазифаи такьягоҳиро ичро мекунанд. Дар фазои байниҳуҷайравии онҳо миқдори зиёди намакҳои типи апатит, ки мубодилаи минералиро ба танзим меоранд, мавҷуданд. Б.-и мушакӣ аз Б.-и эпителӣ ва пайвасткунанда дертар ба вуҷуд омадаанд. Б.-и мушакӣ ду хел — суфта ва кӯндаланграх мешаванд. Мушакҳои суфта аз ҳуҷайраҳои дарози дукшакли бо. якдигар ба воситаи торҳои коллагенӣ ва ретикуляри пайваста иборат буда, ҳаракатнокии узвҳои дохилиро таъмин мекунанд. Мушакҳои кӯндаланграх аз торҳои мушакӣ (мушакҳои скелетӣ) ё аз ҳуҷайраҳо (мушаки дил) иборатанд ва қобилияти тез кашишхӯрӣ доранд. Б.-и асабӣ аз ҳуҷайраҳои асабӣ (нейронҳо) ва нейроглиали (ёрирасон) иборат буда, дарк, таҳлил ва ҷавоби информация (ангезиш)-и аз муҳити беруниё аз узвҳои худи организм омадаро таъмин мекунанд. Ангезиш бо структурахои махсус — *рецепторҳо* қабул шуда, ба импульсҳои асаби мубаддал мегардад ва ба воситаи торҳои асаб ба *системаи асаби марказӣ* мегузарад. Дар ин ҷо импульсҳои ҷавобӣ ба вуҷуд омада, ба воситаи диг. торҳои асаб ба узвҳои гуногун мераванд.

Б.-и растаниҳо вобаста ба сохт, вазифа, пайдоиш ва ҷойгиршавиашон ҳосилкунанда, пӯшишӣ, асосӣ, механикӣ, гузаронанда ва ҷудокунанда мешаванд. Б.-и ҳосилкунанда ё меристемавӣ, аз ҳуҷайраҳои хурди бисьёрқирра, ки қобилияти ба тезӣ тақсимшавӣ ва ба ҳуҷайраҳои диг. Б. табдилёбӣ доранд, иборат мебошанд. Аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ ва фаъолияти функциявӣ типҳои зерини меристема вуҷуд доранд: нӯкӣ (меристемае, ки конуси сабзиши поя, реша ва ғ.-ро ташкил мекунад), иловагӣ (меристемае, ки асоси байнигиреҳии навдаро пур мекунад), паҳлӯӣ (мас., *камбий* ва *феллоген*, ки дар натичаи фаъолияти онҳо ғафшавии поя ва реша ба вуҷуд меояд) ва захмӣ (меристемае, ки дар ҷои захм пайдо мешавад). Б.-и пӯшишӣ аз ҳуҷайраҳои зич пайвастшуда, ки узвҳои растаниҳоро пӯшонда, вазифаи муҳофизати баргу пояро ичро мекунанд, иборатанд. Б.-и асосӣ ё паренхимавӣ, асоси



Баъзе типҳои бофтаҳои ҳайвонот: 1. эпителийи лавҳачашакл; 2. эпителийи ғадудӣ; 3. бофтаи пайвасткунандаи ретикулярӣ; 4. бофтаи тагоякӣ; 5. бофтаҳои устухонӣ; 6. торҳои суфтаи мушакӣ; 7. торҳои мушаки дил; 8. нейрони бофтаи асаб.

Баъзе типҳои бофтаҳои растаниҳо: 1 — бофтаи асосӣ (паренхима); 2. бофтаҳои механикӣ (a — колленхима, b — склеренхима); 3. меристемаи нӯгӣ; 4. эпидермаи барг; 5. бофтаҳои гузаронанда (a—трахеид; b—раг).



узвхорю ташкил медиҳанд. Дар узвхои меҳвардор ба таркиби бофтаи асосї дила, торхои дила, пўстлохи руи тана, дар барги хо—хлоренхима дохил мешаванд. 4 гурўхи перенхима вучуд дорад: ассимиляционї (хлоренхима), захиракунанда, чаббанда ва *аэренхима*. Б.-и механикї таваи растаниро ташкил медиҳанд ва аз меристемаи якумин ё дуюмин хосил мешаванд. Деворахои ҳучайрахои ин Б. хеле гафс мешаванд. Аз Б.-и механикї бештар инҳо паҳн шудаанд: колленхима (асосан аз ҳучайрахои паренхимавии деворахояшон целлюлозадор иборатанд), склеренхима (асосан аз ҳучайрахои деворахояшон гафсї презенхимави иборатанд) ва склеридхо (аз ҳучайрахои сангин ва таҳъягохии паренхимавии деворахояшон гафсї паичанок иборатанд). Б.-и гуззаронанда аз *ксилема*, ки ҳаракати обро ва *флоэма*, ки ҳаракати моддахои органикиро дар растанї таъмин мекунанд, иборатанд. Ба гурухи Б.-и чудокунанда системаи махсуси тарашшухи дохилї, ки дар он моддахои даббоги, зифтхо, равгани эфири ва г. чамъ мешаванд ва тарашшухи берунї — мўйчахои гулгулї, ғадуди, ғадудчахои хазмї, пашми ва бороварро мансуб медонанд.

Ал. Александров В. Г., Анатомия растений. М., 1966. Виллли К., Детлав В. Биология. М., 1974.

БОФТИ ТОРУ ПУД дар матоъ, тарзи хобидани наҳхо, ки таркиб ва намуди зоҳирии матоъро муайян мекунад. Наҳхои кад-кади матоъ хобиданро *тор* ва наҳхои нисбат ба *тор* тарзи хобидаро *пуд* меноманд.



Оддитарин бофти наҳхо, наҳш ва бурриши он.

Ҳар як Б. т. п. аз шумораи муайяни наҳхо тартиб мебад. Наҳхои он: асосї (*саржа*, *атлас*, *майдонакш*, ки бо комбинацияи гуногуни бофти асосї ҳосил мешавад), *мураккаб*, ки бо матоъхои дутарафа мансуб аст, *фасонї*, ки бо наҳшхои бадеї оро меёбад. Ниг. *Бофтаи...* Х. Сеидов.

БОХАЗАЗ — Теле Бохаваз 1) сокинї форами мусиқии теле қаламраи форс тобиъ, ки Бо[illegible]ди Марвї

тасниф намудааст. 2) Гўшаи мусиқї дар таркиботи «Дувоздаҳмақом» ва «Ҳафтмақом».

БОХАРЗИ باخرزی Абулҳасан Алї ибни Абутайиб, маъруф ба Раис Алии Ҳасан (с. тав. номаълум — ваф. 1075), шоир ва адиби форс-тоҷик. Чанд муддат дар дарбори Маликшоҳи Салҷуқї (1073—92) зиста, баъд ихтиёран аз хидмати дарбор рў тофта ба роҳи ирфон даромадааст. Дар мачлисе ба дасти волии Абхоз кушта шудааст. Дар назму насри форсиву арабї устоди баркамол буда, дар ҳар ду забон девони шеър доштааст. Мутаассифона, девони форсиаш имрўз дар даст нест. Бо унвони «Тарабхона» мачмўаи рубоиёти форсї доштаст, ки зоҳиран, низ боқї намондаст. Аз таълифоти Б. китобе бо номи «Дамият-ул-қаср ва исрату аҳл-ил-аср» боқист, ки аз аҳволу ашъори шоирони эронии арабигўи асри муаллиф маълумоти бебаҳо медиҳад. Ин китоб ба забони арабист. Аммо аз ашъори форсии Б. чанд қасидаву ҳитъа ва порчахои парокандае боқї мондаасту бас. *У. Яҳьёев.*

БОХТАР (дар матнхои атиқа — Bactria ё Bactriana, дар навиштачоти форсии қадим — Baxtris, дар «Авесто» — Baxδis, дар сарчашмаҳои миёнаъда — Балх), давлати қадиме, ки а-хои 6—2 то м. дар ҳавзаи миёнаби Амударьё воқеъ буд. Мувофиқи маълумоти қисми сарчашмаҳо Б. сарзамини байни қ-кўҳи Паропамис (Ҳиндукуши Ғарбї) ва д. Аму, яъне Афғонистони Шимолии ҳозираро дарбар мегирифт. Вале маълумотҳои сарчашмаҳои дигар олимонро ба хулосаи саҳеҳ овардааст, ки ба Б. инчунин сарзамини шимоли Амударьё то қ-кўҳи Ҳисор ва шоҳаҳои чап. ғарбии он, яъне чап. ғарбї Тоҷикистон ва чап. шарқии Узбекистони ҳозира дохил мешудааст. Ш. Бохтар (Балх), ки дар воҳаи д. Балхоб воқеъ буд, вилояти марказии Б. ҳисоб мешуд.

Б. дар Осиёи Миёна қадимтарин маркази тамаддун ва яке аз аввалин сохтмн давлатдори ба ҳисоб меравад. Аз руи маълумоти муаллифони атиқа (Ктесий) ва Шарқ (Табари, Масъуди, Фирдавсї, Беруни ва диг.) дар Балх а. 7 то м. подшоҳии Гуштасп (Виштасп) воқеъ буда, дар аҳди у *Зардушт* (Зратуштра) таълимоти ҳудро тартиб мекардааст. Вале дар «Авесто», ки қисми он дар замони Зардушт таълиф шудааст, подшоҳии Гуштасп *бо* Б. *вобаста* нест. Шояд давлати Б. дар он вакт вучуд надошта бошад. Вале давлати дертар пайдошудаи Б. сарзамини подшоҳии Гуштаспро дарбар мегирифт. Анъанаи *бо* подшоҳии Гуштасп вобаста кардани Б. низ аз ҳамин сар задааст. Дар солҳои охир олимон ба хулосае омадаанд, ки мувофиқи он подшоҳии Б. гўё *баъд* аз Зардушт, дар матнҳои яке аз тохтутозҳои скифҳои бодиянишин ба вучуд омадааст. Эҳтимол Б. чун вилояти алоҳидаи таърихию географї дар ҳамон вакт тащаккул ёфта бошад. Ҳамин қадараш аниқ, ки а. 6 то м. Б. дар Шарқ яке аз рақибони чиддии *Куруши Кабир* ба ҳисоб мерафт. Бинобар ҳамин ҳам Куруш чидду ҷаҳд карда, байни с-хои 545—539 то м., баъд аз муҳорибаҳои хунин Б.-ро ба ҳайати давлати *Ҳахоманишиён* дохил кард. Аз ҳамин вакт Б. яке аз вилоятҳои тобеи (сатрапияи) давлати Ҳахоманишиён гардид.

Ҳудуди Б. аз ҳисоби заминҳои ҳамсоя васеъ мешуд. Дар охирҳои ҳукмронии Ҳахоманишиён Суғд ва сарзамини чануби Ҳиндукуш ба ҳайати Б. дохил мешуд. Б. ба шоҳони ҳахоманиш ба миқдори 360 талант нуқра (1 талант-тақр. 30 кг) андоз ва ҳангоми юришҳо аскар медод. Маълум аст, ки бохтариён дар юриши форсҳо, инчунин дар муҳорибаи зидди *Искандари Мақдунї* (с-хои 334 ва 331 то м.) иштироки фаъолона доштаанд.

Шоҳони ҳахоманиш яке аз писарони ё бародарони ҳудро волии Б. таъин мекарданд. Дар аҳди *Дорои I* саросари Б.-ро шўришҳо фаро гирифтанд. Ашрофони маҳалҳои тобеи Ҳахоманишиён халқҳои шўришбардоштаро ба мақсади барқарор кардани истиқлол ва ҳокимияти маҳаллї ва сулолаҳои ҳокимони ҳуд истифода бурданї шуданд. Дар ин давра волии Б. Додаршиш буд. *Катибаи Бесутун* дар хусуси с. 522 то м. аз тарафи у берахмона паҳн карда шудани шуриш дар Маргиён хабар медиҳад. Б. борҳо ҳангоми чидолҳои дохили такъягоҳи ин ё он даъ-

Амсилаи ароба. Тилло. А-хои 5—4 то м.



Бохтарии шутуркаш. Рельеф аз Истахр.

вогари тахту тоҷи шоҳӣ гашта буд. С. 486 то м. ҳангоми ҳукмронии Хашиёршоҳи I аз Б. бародари ӯ Ориёман, с. 479 то м. бародари дигараш Масиета барои тахти шоҳӣ сар бардоштанд. Б. ҳангоми ҳуҷуми аҷнабиён такьягоҳи давлати Ҳахоманишиён ба ҳисоб мерафт. *Дорои III* дар ҷанги зидди Искандари Мақдуниӣ низ умеди охирини худро ба Б. баста буд ва худ низ ҳангоми ба Б. рафтан дар роҳ кушта шуд. Волии Б. *Бесс* низ ба Искандар муқобилати ҷиддӣ нишон дода натавонист ва дере нагузашта аз дасти мақдуниён кушта шуд. Мақдуниён Б.-ро с. 329 то м. забт карда, барои пойдор намудани ҳокимияти худ ду сол мубориза бурданд. Аз с. 327 то м. Б. вилояти тобеи империяи Искандар. Худи Искандар ба духтари Оксиарти бохтарӣ Рухшона хонадор шуд ва бо роҳи никоҳҳои дутарафа мехост мавқеи худро дар ин сарзамин мустаҳкам кунад. Бохтариён ба ҳайати қисмҳои имтиёзноки армияи Искандар дохил мешуданд.

С. 306 то м. Б.-ро *Селевк* забт намуд ва ба ҳайати *империяи Селевкиён* дохил кард. С. 250 то м. волии Б. *Диодот* аз сустии империяи Селевкиён истифода бурда, аз итоат сар печид ва дар Б. ба подшоҳии *Юнону Бохтар* асос гузошт. Ин подшоҳӣ нимаи дуюми а. 2 то м. дар натиҷаи тохтутози қабилаҳои бодиянишини *тахориён* (ё *юҷиҳо*) барҳам хӯрд. Дар сарзамини Б. давлати пуриқтидори *Кушониён* ба вуҷуд омад. Аз ҳамин вақт Б. ҳамчун давлат — Кушоншаҳр ва ҳамчун мамлакат — Тахористон номида мешуд.

Муаллифони атиқа сарзамини Б.-ро ҳосилхез, мардумашро машғули зироат ва чорводорӣ ба қалам додаанд. Махсусан шутури бохтарӣ (ниг. *Бухтӣ*) ниҳоят машҳур буд. Б.-ро ватани *зардуштия* медонанд. Аҳолии Б. ба *Анаҳито* ва *Митра* низ эътиқод доштааст, ки дар ин хусус муҷассамаи дар аҳди Ардашери II дар ш. Балх гузошташудаи Анаҳито шаҳодат медиҳад. Баъди омадани юнониён дар Б. низ парастиши худоёни онҳо расм шуд. Баъдтар оини буддоӣ паҳн гашта, зардуштияро қариб пурра аз байн бурд. То давраи ислом Балх ва Тахористон марказҳои калонтарини оини буддоӣ ба шумор мерафтанд.

Ёдгориҳои археологии Б. нисбатан кам омӯхта шудааст. Дар терр. Иттифоқи Советӣ онҳоро археологҳои советӣ, дар терр. Афғонистон асосан археологҳои Франция, инчунин СССР ва Афғонистон меомӯзанд. Аз ҷумлаи димнаҳое (харобаҳое), ки пурра ё қисман ба давраи Б. мансубанд, инҳоянд: Қалъаи Мир, Саксонохур, Кучуктеппа, Миршода ва г. дар терр. Иттифоқи Советӣ; Дилбарҷин, Ойхонум, Тиллотеппа ва г. дар терр. Афғонистон. Димнаи Балхи Қадим то ҳол хеле кам омӯхта шудааст. Ёдгории машҳури Б. *Хизонаи Амударьё* ба ҳисоб меравад. Натиҷаи корҳои экспедицияи якҷояи Иттифоқи Советӣ ва Афғонистон хеле ҷолиб аст. Экспедиция дар воҳаҳои шим. Афғонистон, аз ҷумла дар димнаи Дилбарҷин, боқимондаҳои давраи Б.-ро кашф кард, ки дар бораи маданияти баланди зироаткории бохтариён шаҳодат медиҳанд. Дайр ва истиқоматгоҳҳои калон дорои таҳкурсии хиштӣ будаанд, ки ин гувоҳи санъати бинокории аҳолии Б. мебошад. Ш-ҳои Балх, Каписи, Деметриас, Мароканд, Искандарияи Акҳо, Антиохия, ки ба ҳайати Б. дохил мешуданд, аз марказҳои калони санъат ва маданият ба ҳисоб мерафтанд. Маҳсулоти кулолӣ, ҳаккокӣ, шишасозие, ки аз ин шаҳрҳо ёфт шудаанд, аз маҳорати баланди устоҳои қадим дарак медиҳанд.

Ад.: Дьяконов М. М., Сложение классового общества в Северной Бактрии, дар маҷм.: Советская археология, т. 19, М., 1954; Литвинский Б. А., Археологические открытия в Таджикистане за годы Советской власти и некоторые проблемы древней истории Средней Азии, «Вестник древней истории», 1967, № 4; Пьянков И. В., Ктесий о Зороастре, дар маҷм.: Материальная культура Таджикистана, ч. 1, Д., 1968; Дьяконов И. М., Восточный Иран до Кира, дар маҷм.: История Иранского государства и культуры, М., 1971; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972; Древняя Бактрия, Л.-М., 1974; Бактрийские древности, Л.-М., 1976. *И. В. Пьянков.*

БОХТАР, ҳамвории доманаи кӯҳӣ дар шим Афғонистон, дар соҳили чапи д. Аму. Тӯлаш қариб 400 км, бараш то 140 км. Баландиаш аз 500 м дар Ҷ. то 250 м дар Шим. Ғ. Б. дар пастхамии тектоникӣ воқеъ гашта, сатҳаш асосан бо регу гили обовард ва лёсс пӯшидааст. Иқлимаш хушки субтропикӣ. Ҳарор. миёнаи июль қариб 31° С, янв. қариб 3° С. Боришоти солона 150—250 мм. Дар Шим. ландшафти регзор, қисмаи реги равони биёбони, дар Ҷ. биёбони регу гил, таҚиру (замиҳои сафолакбаста) шӯрзаминҳо бештаранд. Қад-кади д. Аму тӯқаю марғзорҳо, дар Ҷ. воҳаҳои мӯзофоти Мазори Шарифи Афғонистон ва ш-ҳои Мазори Шариф, Тошқӯрғон, Шибирғон, Қундуз ва г. воқеанд. Пахта, гандум, лаблабуи канд, шоли мекоранд. Гӯсфанду аспнарвари ривоҷ ёфтааст.

БОХТАРИҲО, сокинони Бохтар. Ктесий Б.-ро халқи сершумор, ҷасур ва ҷанговар гуфтааст. Аммиан Марцеллин ба Ктесий ҳамфикр шуда, онҳоро халқи ҷанговару тавоно номидааст. Страбон ва Курций ҳаёти вазнини онҳоро қайд карда, тарзи зиндагии онҳоро ба бодиянишинони ҳамсоя шабоҳат медиҳанд. Ба ақидаи Страбон онҳо табиатан нармдил буданд. Курций Б.-ро мардуми сангдил ва ҷангҷӯ ба қалам дода, сабаби инро дар ҳамсояги бо скифҳои ҳоратгар дониста ааст. Б. чун халқҳои таҳҷоии шаҳру деҳот маълуманд. Қисмашон бодиянишин буданд. Клавдий Птолемей чанд қабилаи Б.-ро ном бурда, зариаспуиҳоро қабилаи асосӣ шумориданааст. Шаҳри асосии Бохтар низ Зариаспу ном дошт. Муҳаққиқон симои зоҳирии Б.-ро аз руи сарчашмаҳои хатти ва маъхазҳо муайян кардаанд. Курций дар бораи муҳорибаи Говгамель маълумот дода, скифҳо ва Б.-ро бо андоми даҳшатнок, риши ғулӣ, мӯи дароз, қади баланд ва ҷуссаи тавоно тасвир кардааст. Ҳамин гуна акси Б. дар нақшҳои Истахр инъикос ёфтаанд. Онҳо риши ғулӣ, чакмаи кӯтоҳ, миёнбанд, шалвори дароз, мукии соккӯтоҳ доштанд, баъзан ба китфашон чакмаи дарозу вазнини беостин менартофтанд, ба гӯшҳояшон гӯшвораҳои калону вазнин меовехтанд. Кулоҳи Б. дар асарҳои *Хизонаи Амударьё* хеле хуб тасвир шудааст; он як навъи каллапӯши намадиест, ки гӯшакҳо ва қисми қафояш дароз буда ба тахтапушт мерасид. Аз ҷиҳати этникӣ Б. халқи эронинажод буданд. Страбон ин ақидаро тасдиқ намуда, мегӯяд, ки форсҳо, модҳо, Б. ва суғдиён аз ҷиҳати забон аз якдигар фарқи калон надоранд. Олимони а. 19 ва аввали а. 20 забони Б.-ро одатан забони Авесто меҳисобиданд. Аз замони тадқиқи ёдгориҳои хаттии Кушон олимон забони онҳоро забони бохтарӣ меномидаги шуданд. Вале осори ин забон то ба Бохтар омадани Тахориён мушоҳида нашудааст ва эҳтимол вай забони Тахориён бошад.

Ад.: Фрай Р., Наследие Ирана, М., 1971; Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972. *И. В. Пьянков.*

БОХУМ (Bochum), шаҳр дар Республикаи Федеративии Германия, дар мӯзофоти Рейн-Вестфалия, байни д-ҳои Рур ва Эмшер. Аҳол 337 ҳазор нафар. (1970). Узели калони нақлиёт ва яке аз марказҳои асосии саноати вазнини ноҳияи Рур. Дар Б. конҳои калони ангишт ва эҳтиёҳои металлургии мавҷуданд. Саноати коксу химия, мошинсозии вазнин, электрикию радиотехникӣ, саноати сабук ва хуроквори тараққӣ кардааст. Ун-т дорад.

БО ЦЗЮЙ-И (772—846), шоири хитоӣ. Қариб 3 ҳазор шеъри эҷод кардааст. Дар лирикааш ҳаётдӯстӣ ва мардумпарвариро таранним ва дар номаҳояш аҳамияти адабиётро дар зин

дагӣ таъкид намудааст. Муаллифи достонҳои «Суруди гуссаи беинтиҳо» ва «Ҳуд» аст. Зидди порахӯрӣ, беадолати ва ҷангҳои феодалӣ шеърҳо менавишт. Силсилаи «Замзамаҳои Ҷин» (10 шеър) ва «Сурудҳои нави халқи» (50 суруд) аз ҳамин ҷумлаанд.

БОЦУ Павел Петрович (тав. 14. 6. 1933), шоири советии молдав. Аъзои КПСС аз с. 1961. Ин-ти педагогиро хатм кардааст (1956). С. 1959 маҷмӯаи шеърҳои Б. «Замини падарон» ва пас аз он дигар маҷмӯаи шеърҳо, ҳикояҳо, очеркҳо ва як китоби бачагонааш чоп шуд. Ашъори Б. бо эҳтироси баланд ва забони пуробуранг иншо шудаанд. Б. ҳамчун мунаққид ва публицист низ баромад мекунад. Б. раиси Правлениями ИН РССМ (аз 1965), котиби Правлениями ИН СССР (аз 1967); депутати Совети Олии СССР (даъватҳо 7). Бо ордени «Нишони Фахри» мукофотонида шудааст.

БОША (Accipiter badius), паррандаест аз оилаи *ҳочин*. Дарозии баданаш 30—38 см, вазнаш 190—300 г. Б. и мода калонтар аст. Парҳои тахтапушти Б. хокистарию парҳои шиками ваш сафед ҳаи дорои нақшҳои зарди сурхчатоб. Пойҳояш кӯтоҳу тафс. Минқор ва ҷанголаш сиёҳ. Чашмонаш бури суратоб. Дар ҷан. Европа, Осиёи Ҷанубӣ, Афғонистон, Эрон, Африка, СССР (Қрим, Кавказ ва Осиёи Миёна) паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. дар соҳили д. Сир, Зарафшон, Кофарниҳон, Сурхоб ва дар ҷанубии д. Панҷ вомехӯрад. Ҳамаашро дар болои дарахт месозад. 3—5 дона тухми сафед мегузорад. Ғизояш паррандаҳо, ҳашаротҳо, майна, ҳалтакалоҳ, баъзан курбоққа ва ҳашаротҳои калон (малах, парвона ва г.). Нигоҳ. *Паррандаҳо*.

Ад.: Дементьев Г. П. Птицы нашей страны. М., 1951. Абдусалимов И. А. Фауна Таджикской ССР, т. 10, ч. 1. Птицы. Д., 1957. И. А. Абдусалимов.

БОШЬУЛӮҚ, деҳа дар С. к. Пушинити р-ни Данғара вил. Кулоб. Терр. ҷои ба номи Ленин. Аз Б. то маркази С. к. 2 км, то районы ва р-ни Данғара 4 км, роҳ асфальт. Аҳол. 938 наф. (1976), точикон. Мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — ҳосилдорӣ, ғаллакорӣ ва кирмакудорӣ. Аҳоли аз оби чашмаҳо истифода мебарад.

БОШГӮНБАЗ, деҳа дар С. к. Алмӣчур, р-ни Мурғоби БАМ. Терр. с-зи «Будунҳуҷ». Аз Б. то маркази С. к. 30 км, то районы 84 км, роҳ мошингард. Аҳол. 300 наф. (1976), тоҷикон. Б. дорои мактаби ибтидоӣ, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа мебошад. Соҳаҳои хоҷагӣ — ҳосилдорӣ. Соҳиби деҳа аз оби д. Алмӣчур истифода мебарад.

БОШТОЛ, деҳа дар С. к. Қамишқӯрғони р-ни Ашт, вил. Ленинобод. Терр. с-зи «Съезди 25 КПСС». Аз Б. то маркази С. к. 9 км ва район 16 км; роҳ асфальт. Аҳол. 542 наф. (1976), точикон ва ӯзбекҳо. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз пармачоҳҳо обёрӣ мешаванд.

БОШҚАЙНАР, деҳа дар С. к. Норин, р-ни Ёвони вил. Қӯрғонтеппа. Терр. с-зи «Ёвон-3». Аз Б. то маркази С. к. 6 км, то районы 30 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1110 наф. (1976), ӯзбекҳо. Деҳа мактаби миёна, китобхона, пункти тиббӣ, клуб, шӯъбаи алоқа дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахта ва ғаллакорӣ, кирмаку чорводорӣ. Заминҳо аз д. Вахш обёрӣ мешаванд.

БОШҚАЛЪА, деҳа дар С. к. ба номи Ӯтақара Назарови р-ни Шаҳртуз, вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи «Коммунизм». Аз Б. то маркази С. к. 5 км, то районы 25 км; роҳ асфальт. Аҳол. 2792 наф. (1976), точикон ва ӯзбекҳо. Мактаби миёна, касалхона, кинотеатрҳои аимистонаю тобистона, хонаи маданият, ҳаммом, сартарошхона, пеҳи либосдӯзӣ ва г. дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

БОШҚАРАСУ, деҳа дар С. к. Қарасу р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Гулистон». Аз Б. то маркази С. к. 3 км, то районы 12 км; роҳ мошингард. Аҳол. 497 наф. (1976), точикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

БОШҚИРДИСТӮН (Башкортостан), Республикаи Автономии Советии Социалистии Бошқирдистон (Башкорт Автономиялы Совет Социалистик Республикасы), дар ҳайати РСФСР. 23 марти 1919 ташкил ёфтааст. Масоҳ. 143,6 ҳаз. км². Аҳол. 3833 ҳаз. наф. (1 янв. 1977). 54 районы, 17 шаҳр ва 39 ҷиҳат дорад. Пойтахташ ш. Уфа.

РАСС Бошқ. давлати социалистии коргарону деҳконон буда, конституцияи ҷориаш 23 июни 1937 дар Съезди фавқулоддаи 10-уми Советҳои РАСС Бошқ. қабул шудааст. Органҳои олии ҳокимияти давлати — Совети Олии РАСС Бошқ., ки ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад ва Президиуми он. Органи олии иҷроия ва амрдиҳанда — Совети Вазирони республика. Органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ — Советҳои шаҳри, районӣ, посёлкавӣ ва қишлоқии депутатҳои халқ.

Системаи суди: Суди олии РАСС Бошқ. ва судҳои халқии районӣ.

Табиат. Б. дар сарҳади Европа ва Осиё воқеъ гардидааст. Қисми ғарбиаш — ҳамвор ва шарқиаш — асосан кӯҳӣ, дар доманаи Урал баландии Бугулмаю Белебей (дар Ҷ. Ғ.), шохаҳои Сирти Умумӣ (дар Ҷ.), пуштакӯҳи Уфа (дар Шим.) ва ҳамвории паст баландии Нижебельск, ки қадқади д. Белая воқеъ гаштааст, ба назар мерасанд. Дар ин ҷо Урали Ҷанубӣ ҳеле баланд аст (нуқтаи баландаш к. Ямонтов, 1640 м) ва то 150 км паҳной дорад. Дар Б. захираҳои гуногуни минерал, хусусан нефть (дар назди Урал) бисёр аст. Конҳои газ, ангишт ва намаксанг кашф шудаанд. Шарқи Б. конҳои маъдани металлҳои сиёҳ, ранга ва асил дорад.

Иқлими Б. континентист. Сардии миёнаи яна.— 14° С (Бирск),— 17,5° С (Кага), ҳарор. июль 16,5° С (Кага) ва 20,5° С (Раевский). Бориштоти миёнаи солона: дар наздикии Урал 400—500 мм, дар паси Урал қариб 300 мм ва дар кӯҳҳо зиёда аз 500—600 мм. Д-ҳои асосӣ — Белая ва шохобҳои он: Уфа, Нугуш, Сим ва Дёма. Паси Урал кӯлҳои хурд-хурди зиёде дорад. Таркиби хоки Б.: сиёҳзамин (34% тамоми масоҳ.), хокистарранги ҷангалӣ (35%), хокистарӣ ва чимзамини хокистарранг (5,5%), гумусу карбонатдор (зиёда аз 1%) ва 18% диг. навъҳои хок. Бештар аз 30% терр. ҷангалзор (5 млн га) буда, захираи чӯб аз 0,6 млрд м³ зиёд аст.

Олами ҳайвонот ҳеле гуногун буда, ҳайвонот ва паррандаҳои шикорбоб (саҷоб, харгӯш, кӯрмуш, чилмурғ ва г.) бисёранд. С. 1930 дар қисми кӯҳсори Б., дар майдони 72 ҳаз. га кӯруқ ташкил карда шуд.

Аҳоли. Аҳолии аслии республика бошқирдҳоанд (892,3 ҳаз. наф., 1970). Ғайр аз ин дар Б. (ба ҳисоби ҳаз. наф.) русҳо (1546,3), тоторҳо (944,5), чувашҳо (126), мариҳо (109,6), украинҳо (76,0), мордвагиҳо (40,8), удмуртҳо (27,9) ва г. зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳоли дар 1 км² — 26,6 наф. (1970), дар районҳои марказии назди Урал дар 1 км² то 35 наф. Ш-ҳои калон: Уфа (942 ҳаз. наф. 1977), Стерлитамак, Салават, Октябрьский, Белорецк ва Эшимбой.

Очерки таърихи. Қадимтарин осори фаъолияти инсон дар ҳудуди Б. ба давраи палеолит тааллуқ дорад. Машғулияти асосии қабилаҳои сокини Б. дар асри биринҷи чорводорӣ ва зироат буд. Бошқирдҳо дар маъҳалҳои хаттии араби дар а-ҳои 9—10 бо номи «бошҷирд» («бошҷурд») ёдовар шудаанд. Онҳо а-ҳои 9—13 дар назди Урал, Урали Ҷанубӣ ва байни д-ҳои Волгаю Ейиқ (Урал) зиндагӣ карда, бо чорводорӣ, шикор, моҳидорӣ ва г. машғул будаанд. Дар а-ҳои 10—13 муносибатҳои кабилаві вайрон ва муносибатҳои феодалӣ пайдо шудаанд.

С. 1236 бошкирдҳо ба зери асорати истилогарони мутул афтода, дар давоми қариб 2 аср тобеи Олтин Урда будаанд. Дар нимаи 2 нимаи 15 Б. вассали Урдаи Нуғай (Б. Ҷанубӣ ва Ҷ. Ш.), давлати ҳонии Казон (Б. Ғарбӣ) ва ҳонии Сибирь (Б. Шим. Ш.) шуд. Баъди торумори давлати ҳонии Казон Б. то с. 1557 ихтиёран ба ҳайати Россия дохил шуд, ки ин аҳамияти прогрессиви дошт — ҷангҳои

торочгаронаи байни қабилаҳо қатъ гардид, бошқирдҳо аз ҳучуми халқҳои кӯчманчии ҳамсоя эмин шуданд, барои инкишофи иқтисод ва маданият шароити мусоид фароҳам омад. Халқи бошқирд асосан дар а. 16 ташаккул ёфт. Зулми феодалӣ ва мустамликавӣ, сиёсати зӯран русгардонии аҳолии маҳаллӣ аз тарафи ҳокимияти подшоҳӣ боиси қаҳру ғазаб ва норозигии оммаи васеи халқи бошқирд ва ниҳоят сабаби шӯришҳои калон (а-ҳои 17—18) гардиданд.

Дар а. 18 ба пешрафти иқтисодии Б. тараққиёти саноати Урал таъсири калон расонд. Сиёсати ҳукумати подшоҳӣ, ки ба феодалони маҳаллӣ барои бештар истисмор кардани халқ ва ба помещикону саноатчиёни рус барои талаву торочи замин ва сарватҳои зеризаминӣ кӯмак мекард, муборизаи зиддифеодалии мардуми бошқирдро пурзӯр гардонд. Бошқирдҳо дар Ҷанги деҳқонии бо сардории Е. И. Пугачёв фаъолона иштирок намуданд.

С-ҳои 1798—1865 дар Б. усули кантонии идора ҷорӣ шуд, ки дар натиҷаи он бошқирдҳо ба табақаи махсуси ҳарбиён табдил ёфтанд. Ислоҳоти с. 1861 вазъияти бошқирдҳоро то як андоза тағйир дод: онҳо муқимӣ шуданд, зироатчиги авҷ гирифт. Баъди ислоҳот дар Б. муносибатҳои капиталистӣ инкишоф ёфтанд. Саноати маъдани кӯҳӣ ва ҷангал, инчунин саноати коркарди маҳсулоти х. қ. тараққӣ кард. Муомилоти мол дар дохили Б. афзуда, Уфа маркази калони савдо ва маъмурӣ гардид. Ш-ҳои Бирск, Стерлитамак ва Белебей ба вуҷуд омаданд. Пролетариати саноатӣ ва буржуазия пайдо шуд, вале шумораи коргарони бошқирд кам буда, аксарияти коргарон русҳо буданд.

Аввалин гурӯҳҳои с. д.-ҳои Б. дар Уфа с-ҳои 1895—97 ба вуҷуд омаданд. С. 1900 В. И. Ленин дар бор (февр. ва июнь) ба Уфа омада, бо марксистони бадарга вохӯрд. Янв. 1903 дар Уфа комитети РСДРП ва дек. 1905 Совети депутатҳои коргарон ташкил гардид. Баъди ғалабаи Рев. Февраль 1917 дар Б. Советҳои депутатҳои коргарон ва солдатҳо ташкил шуданд. 26 окт. (8 нояб.) 1917 дар Уфа Ҳокимияти Советӣ пойдор гашта, ғубревком ташкил ёфт. Охири окт. дар қисми зиёди Б., ғайр аз районҳои шарқии он, Ҳокимияти Советӣ барпо гардид. Аввалҳои июли 1918 чехҳои сафед ва гвардиячиёни сафед Челябинск, Уфа ва Оренбургро ишғол намуданд, ҳукумати гвардиячиёни сафед ва эсерҳо ташкил шуд. Охирҳои с. 1918 Армияи Сурх дар Б. ба муқобили қӯшунҳои гвардиячиёни сафеди Колчак ҳучум кард. Норозигии аскарони қӯшуни сафеди бошқирдҳо ва тамоми аҳолии бошқирд аз колчакиён боиси он шуд, ки ҳукумати миллатчиёни бошқирд ба тарафи Ҳокимияти Советӣ майл намуд. Вай аз ҳукумати РСФСР



ёри пурсид. 20 март «Созишномаи Ҳукумати коргару деҳқони Россия бо ҳукумати Б. дар бораи автономияи Бошқирдистон» ба имзо расид. Б. дар ҳайати РСФСР аввалин республикаи автономии советӣ шуд ва Стерлитамак пойтахти он гардид. Мувофиқи декрети КИМ-и Умумиросия аз 14 июни 1922 «Дар бораи васеъ кардани худуди Республикаи Автономии Советии Социалистии Бошқирдистон» Бошқирдистони Калон ташкил ёфта, Уфа пойтахти он қарор гирифт.

Б. дар солҳои сохтмони социалисти ба республикаи саноатию аграри табдил ёфт. Соҳаҳои нави саноат: нефть ва софкории нефть, химия, ангишт, электротехника, мошинсозӣ, цемент, мебель, бофандагӣ ва г. ба вуҷуд омаданд. Х. қ.-и серсоҳа тараққӣ кард.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) қариб 90 корхона аз районҳои ғарбии мамлакат ба Б. кӯчонда шуд. Саноати Б. дар солҳои ҷанг аз ҳиссаи ҳаҷми умумии маҳсулот бештар аз 2,5 баробар афзуд. Халқи бошқирд ба кори умумихалқии таъмини ғалаба бар армияи фашистони истилогар ҳиссаи сазовор гузошт. Дивизияи 16-уми саворагвардиянии бошқирд дар майдони ҷанг қаҳрамонӣҳо нишон дод. Зиёда аз 250 нафар фарзандони Б. Қаҳрамони Иттиҳоди Советӣ шуданд.

Иқтисод ва маданияти Б. дар давраи баъди ҷанг босуръат тараққӣ кард. РАСС Бошқ. барои комёбиҳояш дар сохтмони коммунисти бо 2 ордени Ленин (1935 ва 1957), ордени Революсияи Октябрь (1969) ва ордени Дӯстии Халқҳо (1972) мукофотонида шудааст.

Ҳоҷагии халқ. Б. дорои саноати мутараққӣ ва истеҳсолоти калони х. қ. буда, яке аз ноҳияҳои асосии истеҳсол ва коркарди нефть дар СССР, маркази муҳимми саноати химия ва мошинсозӣ ба шумор меравад. Саноат аз соҳаҳои сӯзишвории химия ва химияи нефть, электроэнергетика, мошинсозӣ ва металлкоркунӣ, металлургияи сиёҳ ва ранга, чӯбу тахта ва

целлюлозаю когаз, хуроквори ва г. иборат аст.

Б. нефть, газ табиї ва ангишти бур истеҳсол карда, аз чиҳати истеҳсоли нефть дар мамлакат ҷои сеюм (баъди вил. Тюмень ва РАСС Тот.) ва аз чиҳати коркарди он ҷои якумро мегирад. 3-ҷоҳои коркарди нефть дар Уфа, Салават ва Эшимбой, 3-ҷоҳои коркарди газ дар Туймазї ва Приютово ҷои гирифтаанд.

Аз кӯҳсори Б. маъдани оҳан ва металлҳои ранга истеҳсол мекунанд. Саноати мошинсозї ва коркарди металл тараққї карда, дар ин соҳаҳо зиёда аз [illegible] ҳамаи коргарони саноат кор мекунанд. Марказҳои саноати: Уфа, Стерлитамак, Белорецк, Салават, Октябрьский, Туймазї, Нефтекамск ва Белебей. Қариб 1,6% ҳамаи коргарон дар саноати сабук ва хуроквори кор мекунанд. Дар республика саноати орду ирма, равғану пашм, шир, гӯшт, дӯзандагї ва пояфзол тараққї кардаанд.

Б. ноҳияи калони истеҳсоли ғалла ва маҳсулоти чорводорист. Зиёда аз нисфи ерҳо барои х. к. истифода мешавад. Дар солҳои Ҳокимияти Совети ишти зироатҳои пуркимати ғалладиҳ ва техникї, хуроки ҳайвонот, сабзавот ва картошка хеле афзуд. Аз ғалладонаҳо тандум, чавдор, сулї, марчумак, арпо ва зироатҳои лубиёї мекоранд. Соҳаҳои асосии чорводорї гӯвї гӯшту ширдеҳ ва гӯсфандпарварї барои гӯшту пашм. Дар баъзе ҷоҳо бузу асп ҳам мепарваранд. Дар Б. парвариши занбӯри асал тараққї кардаст.

Гидроэлектростанцияи Б. [illegible] 1197 км (1971) Маҳтаралї [illegible] р. Қуйбышев — Уфа — Челябинск электрикунонида шудаст. Ноҳияи [illegible] дарёи [illegible] ҷоҳои [illegible] ва Уфа. Қуввати [illegible] мошинї [illegible] км (1971). Шабакаи [illegible] ҳавоиҳо ҳам мавҷуд аст. Б. асосан нефть, маҳсулоти он, маъдан ва маҳсулоти х. к. барои барда, ангишт [illegible] мекашад.

Нигаҳдории тандурустї. С. 1913 дар Б. ҳамагї [illegible] ҳаҳтару 312 коркуни [illegible] 1 янв. 1976 дар Б. [illegible] ҳаҳтару ва 72 ҳаз. [illegible] мекунад. Дар Б. [illegible] ба номи Чехов, Ак[illegible], Аксаков, Аксинї, [illegible] Краснохолмскій, Шаҳрӣ [illegible] Ямалово, Якшино, [illegible] мавҷуданд.

Маданият. [illegible] Рев [illegible] дар Б. [illegible] буд. Дар даврҳои Ҳокимияти [illegible] дар Б. [illegible] Маъмурї [illegible] ҳамаҳо [illegible] ҷорї [illegible] Соли таҳ. [illegible] 1976-77 дар ҳаҷм [illegible] маъмурї [illegible] 561 ҳаз. [illegible] дар мактабҳо [illegible] 122 ҳаз. [illegible] ва студент таҳсил мегирад. 1 янв. [illegible] дар Б. 19[illegible] [illegible] ом[illegible] клуб, 7 муҳ. [illegible] 2127 дастгоҳ [illegible] ва [illegible]



1. Миёноби дарёи Белая. 2. Уфа. Майдони 50-солагии Октябрь. 3. Салават. Кӯчаи Ленин. 4. Октябрьский. Хиёбони ба номи Ленин. 5. Заводи истеҳсоли маҳсулоти нефти Уфа.

би буд. Барои пешрафти маорифи халқ кори илмї ҳам инкишоф ёфт. С. 1921 Марказї академикї, баъдтар ин-тҳои азнавсозии социалистии х. к. (1931), маданияти миллї (1932), нигаҳдории тандурустї ва гигиена (1934) ба вуҷуд омаданд. С. 1951 Филиали Бошқирдистонии АФ СССР ташкил ёфт.

С. 1971 дар Б. 310 номгӯи китоб ва нашрияҳо, 117 газета (ба забонҳои руси, бошқирдї, тоторї, марї, чувашї ва удмурти) нашр мешуд. Газетаҳои республикавї: «Совет Бошкортостаны» (ба забони бошқирдї), «Советская Башкирия» (руси), «Қизил тан» (тоторї) ва г.

Барномаҳои радио ва телевизион ба забонҳои бошқирдї ва русиянд, программаҳои Москва низ шунавонда ва намоиш дода мешаванд.

Фолклори халқи бошқирд аз достону сурудҳои таърихї, афсона ва ривоятҳо иборат аст. Дар шеъру сурудҳои озодихоҳонаи Салават Юлаев ҳаёти халқ таранум мешавад. Нависандагони асрҳои 18—19 асосан шеърҳои динию ахлоқї меофариданд.

Дар арафаи Рев. 1905—07 Мажид Ғафурї ба майдони адабиёт даромада, сароянда Рев. Октябр таҳлил «Байраки сурх» номи мачмуаи у (1917) ба лирикаи революционии халқи бошқирд ибтидо гузошт. Ба адабиёти советии бошқирд Д. Юлтый, С. Кудаш, Г. Ғимер, Б. Эшемгул, И. Носирї, Т. Янаби, Х. Ибрҳимов барои нависандагон асос гузоштаанд. Охирї солҳои 20-ум нависандагони ҷавон С. Агиш, Г. Амантай, А. Карим, Р. Неъматї, Б. Валид, Г. Хайрї, С. Мифтоҳов, Б. Бикбай ва диг. ба майдон омаданд. С-ҳои 30-юм адабиёти бошқирд бо роҳи реализми социалистї инкишоф ёфт. Назм дар замони Ҷанги Бузурги Ватанї (1941—45) хеле тараққї кард. Асарҳои С. Кудаш, Р. Неъматї, Х. Карим, М. Карим ва диг. ба мавзуи ҷанг бахшида шудаанд.

Солҳои баъди ҷанг наср хеле инкишоф ёфт. Романҳои Х. Давлатшина, С. Агиш, З. Биишева, К. Мергэн, А. Вали, А. Бикчентаев ва г. ба вуҷуд омаданд. Дар соҳаи драматургия, танқиди адабї, адабиётшиносї ва адабиёти бачагона низ муваффакиятҳо ба даст дароварда шуданд. Нависандагоне, ки дар давраи баъди ҷанг ба арсаи адабиёт қадам гузоштанд (Н. Начмї, Х. Гилижев, Г. Рамазонов, Т. Арслон, И. Абдуллин, Н. Асанбоев, М. Ғалї, Ш. Биккол, Ф. Исангулов, А. Мирзагитов, А. Атнабоев, Р. Сафиф, М. Каримов ва диг.), пояи адабиёти ҳозираи бошқирдро ташкил медиҳанд. Асарҳои шоири халқии Б. Мустай Карим дар тамоми мамлакат маълуманд.

Асрҳо боз маншиҳои бошқирдҳо ирт («тирмо») ва чайла, дар минтақаи кӯҳистону ҷангалҳо бурама буд. Таъсири санъати меъмории рус баъди ихтиёраи ба Россия ҳамроҳшавии халқи бошқирд бараҳо ҳис карда мешавад. Барои биноҳои чубин ҳонаҳои сангин низ пайдо шуданд. Ҳоло шаҳрҳои кӯҳна аз нав сохта, шаҳрҳои нав (Эшимбой, Октябрьский, Кумертов, Салават, Туймазї ва Нефтекамск) бунёд мешаванд.

Бошқирдҳо аз замонҳои қадим бо йўрмаву кашидадўзї машғуланд. Дар ташаккули санъати тасвирии Б. рассомони солҳои пеш аз революция (аввалин рассоми бошқирд Қ. А. Давлаткилдиев) роли калон бозидаанд. Санъати Б. махсусан дар с-ҳои 60—70-ум тараққї карда, асарҳои рассомон А. Тюлькин, Г. Имашева, М. Арслонов, Р. Нурмуҳаммадов, Б. Домашников, Т. Нечаева, А. Пантелеев, А. Бурзянцев, А. Кузнецов ва диг. дар намоишгоҳҳои иттифоқї, республикавї, минтақавї ва хорица намоиш дода шуданд.

Сурудҳои халқии бошқирдї яковоза мебошанд. Асбобҳои мусиқии бошқирдї: курай, гармонь ва кубыз. Маданияти мусиқии касбї дар Б. баъди пойдор шудани Ҳокимияти Советї тараққї кард. Асарҳои мусиқии бастакорон З. Исмоилов, Х. Аҳмадов, Р. Муртазин, Н. Собитов ва диг. шўҳрати калон доранд. С. 1938 дар Уфа театри мусиқии Б. (аз 1941 Театри опера ва балет), филармония ва оркестри асбобҳои халқї ташкил шуд. Театри касбии бошқирдї баъди Рев. Октябрь ташкил ёфт. С. 1919 дар Стерлитамак аввалин театри миллї кушода шуд, ки аз с. 1922 дар Уфа кор мекунад (ҳоло театри академии драмавии Б.). Дар Уфа ва Стерлитамак театри руси, дар Сибай ва Салават театри драма ва дар Уфа театри лўхтак ҳаст.

Ад.: Очерки по истории Башкирской АССР, т. 1, ч. 1—2, Уфа, 1956—66; Усманов А. Н., Присоединение Башкирии к Русскому государству, Уфа, 1960; Хисматов М. Ф., Башкирия. Экономико-географическая характеристика, Уфа, 1968; Наука в Советской Башкирии за 50 лет, Уфа, 1969; Стат. сб., Башкирия в Союзе ССР, Статистика, Уфа, 1972; Дузеев Р. Г., Происхождение башкирского народа, М., 1974.

БОШҚИРДҲО (худ башқорт гўянд), миллат, аҳолии мукимии РАСС Бошқ. Дар вил-ҳои Челябинск, Оренбург, Қўрғон, Пермь, Свердловск, Куйбышев ва Саратов низ зиндагї мекунанд. Бо *забони бошқирдї* гап мезананд. Шумораашон 1 млн 240 ҳаз. наф. (1970). Диндорон мусулмонони суннианд. Таърихи пайдоиши Б. ниҳоят мураккаб аст. Макони ташаккули Б. Урали Чануби ва даштҳои ҳамшафати он аз давраҳои қадим чои таъсири мутақобили маданият ва забонҳои гуногун буд. Дар нимаи 2-юми ҳазорсолаи то м. дар Чануби Бошқирдистон чорводорони эронизабон — *сарматҳо*, дар шимол қабилаҳои зироаткору шикорчї — аҷдоди халқҳои финну угор зиндагї мекарданд. Дар ҳазорсолаи I-ми м. ба Урали Чанубї кўчманчиёни турк дохил шуда, то охири ҳазорсола тамоми Бошқирдистонро ишгол карданд. Дар боран Б. навиштаҷоти а-ҳои 9—10 боқї мондааст. С-ҳои 1552—57 ба давлати Москва ҳамроҳ шуданд. А-ҳои 17—19 Б. ба заминдорї ва моҳигирї гузаштанд. Дар солҳои Ҳокимияти Советї Б. соҳиби мухторияти миллї гардида (аз 1919), саноати пуриқтидор ва х. қ. мутараққї барпо карданд. Илму маданият инкишоф ёфта, зиёёни миллї ба камол расиданд. Роҷеъ ба таърих, хоҷагї ва маданияти Б. ниг. низ *Бошқирдистон РАСС*.

Ад.: Народы Европейской части СССР, т. 2, М. 1964 (библ.); Археология и этнография Башкирии, т. 1—2, Уфа, 1962—64

БОЯЗИДИ I Йилдирим (Bayəzit Jildirim) (1354 ё 1360—8. 3. 1403), султони турк (1389—1402) аз сулолаи Усмониён. Сиёсати истилогаронаи гузаштагони худро давом дод. Қўшунҳои турк бо сарварии Б. I Сербия (1389), Булғория (1393—96), Македония, Фессалияро зери даст карда, ба Морея (1394) ва Венгрия (1395) тохтутоз ва ин мамлакатҳоро ғорат карданд. Сент. 1396 Б. I дар назди Никополь ба армияи салибдорон шикаст дода, Валахияро маҷбур кард, ки андоз диҳад ва мавқеи туркҳоро дар нимҷаз. Балкан мустаҳкам намуд. Византияро ба зери тасарруф даровард; қўшунҳои Б. I с-ҳои 1394—1401 Константинопольро муҳосира карданд. Дар аҳди Б. I амирони Анатолия тобеи давлати Усмония гардиданд. Сустии давлати Б. I дар муҳориба бо *Темур* дар назди Анқара (1402) зоҳир гардид. Дар ин муҳориба амирони Анатолия ба Б. I хиёнат карданд. Қўшуни Б. I шикаст хўрд ва худи ў асир афтод.

БОЯЗИДИ БИСТОМИ بایزید بسطامی Абуязид Тайфур ибни Исо, лақабаш «Султон-ул-орифин» ва «Бурҳон-ул-муҳаққиқин» (с. тав. номалум — ваф. 857, Бистом), мутафаккири мутасаввиф, асосгузори *тайфурия*. Падараш пайрави *зардуштия* буд. Аз Б. Б. осори мукаммале боқї намондааст. Афкори бебоконаи ў, ки дар таърихи афкори фалсафї ва чамъиятии халқҳои форс-тоҷик бо номи шатҳиёт маълуманд, тавассути муридон ва дўстонаш аз даҳан ба даҳан гузашта, баъдтар дар тазкираҳо собит гардидааند.

Б. Б. яке аз асосгузорони таълимоти «фано ва бақо» мебошад. Мувофиқи таълимоти ў, чун сўфї аз хусусиятҳои хоси шахсї, ирода, маҳлу рағбат ба кайфу ишрат ва завқи дунявї барї гардида, тамоми фикру зикр ва ҳаёлу диққати худро ба ҷонибі маҳбуб (худо) равона кунад, саранҷом табиати рўҳонї бар ҳайвонї, маънавї бар моддї ғолиб омада, солик гўё табиати худой пайдо мекунад ва дар байни ваю худо фарқе намонда, ҳар ду ба ҳам як мешаванд. Аз рўи ин ақида, Б. Б. сифот ва хусусиятҳои худоиро ба худ нисбат дода, алфози бепарвоёнаи сўфиёнро аз қабили «Дар ҳақиқат ман худоям, ғайри ман худое нест» (инни аноллоҳ ло илоҳа илло ано), ё ки «Сутуда шудаам ман, шаъни ман бузург аст» (субҳонї, субҳонї, мо аъзама шаънї) изҳор намуда, мартабаи худро аз мартабаи пайғамбар болотар гузошт, дар ирфон ва олами рўҳии ислом ҷунбиши азиме ба миён овард. Б. Б. ба ин васила дар шароити асримиёнагии феодалї, мақоми инсонро баланд бардоштааст. Таълимоти сўфиёнаи Б. Б. ба осори намояндагони баъдинаи ин маслак чун Маҷдуддини Саной, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Румї, Абдурраҳмони Ҷомї ва дигарҳо нақши муайяне гузоштааст.

А. Муҳаммадҳоҷаев.

БОЯЗИДИ ПУРОНИ بایزید پوراني (с. тав. ва ваф. номалум), шоир ва хаттоти а. 16-и тоҷик. Дар Ҳирот зиндагї карда, дар байни мардум обрў ва эътибори зиёде доштааст. Мувофиқи маълумоти Нисорї Б. П. ҳафт қалам хатро хеле хуб менавиштааст ва катибаҳои масҷиди ҷомеи Бухоро ба қалами ў анҷом ёфта будааст. Тангдастї Б. П.-ро ба сафари Ҳиндустон водошт. Шоир дар он ҷо ашъори зиёде таълиф карда, дар байни мусоҳибонаш мақоми сазоворе ишгол мекунад. Ашъораш, ки ба тариқати зулм, мутаассибони дин, инчунин ба мавзўи ишқу муҳаббат оиданд, дар тазкира ва диг. сарчашмаҳои адаби парокандаand.

У. Назиров.

БОЯЛИҶ (Salsola), авлоди растаниҳои яксола, пимбутта ё бутта, мансуби *шўраҷо*. Тақрибан 120 намудаш дар минтақаҳои биёбонї ва даштии Европа, Осиё ва Америкаи Шимолї паҳн шудааст. Дар СССР зиёда аз 90 намудаш шинохта шудааст. Дар

Боялич (Salsola richteri): 1, 2 — шохаи болой ва мобайни, 3 — хўшаи гул.

РСС Тоҷ. 13 намуди яксола: S. aperta (сафедқурай), S. carinatiformis, S. collina, S. lorcipitata, S. incanesens, S. micronthera, S. paulsenii, S. pestifera (қурай), S. praecox, S. rosaceae (сурхқурай), S. sclerantha, S. turkestanica (хоскурай), S. vvedenskyi ва 11 намуди пимбутта ё буттагии Б.: S. arbuscula (сафедбоялич), S. baranovii, S. dendroides, S. drobovii, S. gemmascens, S. larricifolia (сиёҳбоялич), S. montana, S. orientalis, S. paletzkiana (киштакурай), S. pulvinata, S. richteri дар ҳамворихои кўҳ, сохили дарёҳо ва дар баландкўҳҳо (дар Помир дар баландии 2000—4000 м аз с. б.) воменхўрад. Б. ба халқҳои Осиёи Миёна

чуи растании алафи чорво, ороиши, дорои, ранглех ва хелуму мухофизи ҷигарҳо аз қадимулайем маълум аст.

Ад: Флора Таджикской ССР, т. 3, Л., 1965. Дадабаева О. Словарь научных и местных названий лекарственных растений Северного Таджикистана, Д., 1972. *Г. К. Кимякосев.*

БОЯРКИН Василий Илларионович (1914, деҳаи Ольгинкаи р-ни Троицкии вил. Чкалови ҳозира — 3.12.1943), Қаҳрамони Иттифоки Совети (1944, баъди вафоташ), сержанти калони гвардия. С. 1937 дар МТС и Шаҳртуз трактورчи буд. Аз нояб. 1941 дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок кард. Командири гурухи пулемети эскадрони собиқи 4-ми ист аз полкҳои дивизияи 16-ми гвардиягии савора буд. Шаби 27 сент. 1943 ҳангоми аз Днепр гузаштан бо гурухи худ ба амад нишаста ба саҳил баромад ва ба сӯи гитлерчиён оташ кушода, қариб 60 аскару офицери душманро кир намуд. 29-ум сент. ҳангоми ҳуҷум ба ҳутори Ватанӣ бо оташи пулемет 30 гитлерчиро маҳв карда, ба пешрафти подразделениҳои мо роҳ кушод. Бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх ва медали «Барои мудофиаи Сталинград» мукофотонида шудааст.

Ад: Ҳ. Ш. Фаҳандоии ... Тоҷикистон, Д., 1968.

БОЯРҲО. 1) табақаи олии чамъиятии ... Русия дар асрҳои 16—17. Б. ... ва ... ҳукумати давлат нас аз ... ... доштанд. Бо ... (аз 15) ... Б. маҳдуд шуд. 2) Аз 15 рутбаи ... «хизмати ... ватанӣ» дар ... Русия. Дар ... Думои ... доштанд. Ибтидо ... Б. бахшидаи ... шуд. ... дар Русия ... ташкилкуни ... та, дар натиҷаи ислоҳоти аграрии с. 1945 бархам дода шуд.

БОҒ, 1) майдони буттаву дарахтзори мева. Б.-ро аз намуди муайян ё омехтаи якчанд навъҳои буттаву дарахт бунёд мекунанд. Дар СССР Б.-ҳои к-зӣ, с-зи, коллективӣ, наздихавли ва наздимактабӣ вуҷуд доранд. Майдони Б.-ҳо аз 0,2—0,5 (наздихавлӣ) то 50—75 га (к-зию с-зӣ) мешавад. Барои бунёд кардани Б.-ҳо замини ҳосилхезу нарм, аз шамолу хунуки эминро интихоб мекунанд. Барои ҳифзи Б. аз шамолу хунуки *дарахтзори ҳифзи боғот* барпо мекунанд. Дар Б. нихолҳои себу нокро бо усули 4 × 8 ё 6 × 8 м, олучаю гелосро 3×4 ё 4×4, м гужуммеваиҳоро 0,25—1,5×2,0—5 м ва г. мешинонанд. Ба бехи нихолҳо соле 30—40 т/га пору е компост андохта, бо чуқурии аз 6—8 то 15—20 см шудгор, 3—5 маротиба культивация мекунанд. Ниг. низ *Боғдорӣ.* 2) Истиҳоҳатгоҳе, ки дарахту гулзор дорад. Мас., Б.-и маданият ва истиҳоҳати ба номи В. И. Ленин, Б.-и Айни, Б.-и Ғалаба ва г. 3) Муассисаи тадқиқоти илмӣ, илмӣ-тарбиявӣ ва маданӣ-маърифатӣ, ки растаниҳои маҳалли ва дигар кишвархоро меомӯзад. Мас., *Боғи ботаникии Душанбе, Боғи ботаникии Помир, Боғи ботаникии Ленинобод.* 4) Номи оҳанг аз навоҳои қадим. Мас., *Боғи Сиёвушон, Боғи Шаҳриёр, Боғи Ширин.* 5) Муассисаи илмӣ-равшаннамоӣ, ки ҳайвоноти ваҳширо бо мақсади намоишдиҳӣ, омӯхтан ва наслгирӣ дар қафас, симтӯр, панҷарахо ва г. нигоҳ медоранд. Мас., *Боғи ҳайвонот.* 6) Номи деҳа. Мас., *Боғи Ҳабиб, Боғи Қозӣ, Боғи Нав, Боғи Калон* ва г. 7) Боғҳои афсонавӣ. Мас., *Боғи Ирам,* Боғи фирдавс ва г.

БОҒБОН, деҳа дар С. қ. Сешанбе, р-ни Ҷ. Ҷ. РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Правда». Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то райони 3 км, роҳ асфальт. Аҳол. 607 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Б. дорои мактаби ибтидоӣ, пункти тиббӣ, чойхона, сартарошхона, магазин мебошад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — сабзавоткорӣ. Заминҳо ба воситаи каналҳо аз д-ҳои Қаротег ва Шеркент обёрӣ мешаванд.

БОҒГАЙ, деҳа, маркази С. қ. Боғгай ва с-зи «Мӯъминобод-2», р-ни Ленинградӣ вил. Кӯлоб. Аз Б. то маркази район 10 км, роҳ асфальт. Аҳол. 355 наф. (1976), тоҷикон. Б. клуби зимистона, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, магазин, ошхона дорад. Филиали комб. хизмати маишии район (цехҳои дӯзандагӣ, сартарошхона, пойафзол, тунукасозӣ) кор мекунад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ (гусфанд, гов, асп), ғаллакорӣ (гандум ҷав, нахӯд ва сулӣ), кишти зироати хӯроки чорво. Заминҳо аз обанб. Мӯъминобод обёрӣ мешаванд.

БОҒДОРӢ, м е в а п а р в а р ӣ, соҳаи муҳимми растанипарвари. Ватани Б. Осиёи Ҷанубӣ, Шарқӣ, Пеш ва Миёна, Закавказия ва соҳили Баҳри Миёназамин аст. Б. дар Бобулистон ва Ошур ҳанӯз 3 ҳаз., Хитой ва Ҳиндустон қариб 2 ҳаз. ва дар Крим 700, Юнон 400—300 сол пеш аз м. маълум буд. Дар ҳудуди СССР Б. (дар Суғду Фарғона) таърихи 5-ҳазорсола дорад. С. 1973 дар ҷаҳон қариб 20 млн га (аз ҷумла дар Хитой 2700, ШМА 1600, Ҳиндустон 913, Аргентина 541, Югославия 435, Италия 425, Бразилия 419, Япония 328, Полша 286, Франция 208 ҳаз. га) боғ буд. СССР аз ҷиҳати Б. дар ҷаҳон ҷои аввалро мегирад. С. 1973 майдони боғоти СССР 3734 ҳаз. га (аз ҷумла РСФСР 1293, РССУ 1188, РССБ 167, РСС Уаб. 192, РСС Қаз. 110, РСС Гурҷ. 178, РСС Озарб. 145, РСС Лит. 55, РСС Молд. 162, РСС Лат. 40, РСС Қирг. 52, РСС Арм. 52, РСС Туркм. 19, РСС Эст. 17, РСС Тоҷ. 64 ҳаз. га) буд. Б. дар Тоҷикистон соҳаи муҳимму мутараққӣ ба шумор меравад. Дар республика с. 1975 умуман 65,8 ҳаз. га, аз ҷумла дар к-зу с-зҳо ва дигр хоҷагиҳои давлатӣ 40,4 (минтақаҳои Ленинобод 23,347, Кӯлоб 4356, Вахш 2072, Гарм 2932, Ҳисор 7028, ВАБК 0,8) ҳаз. га боғ буд, ки ба ҳар 1000 кас 27 га (дар Ӯзбекистон 19,1, Қирғизистон 4,3, Туркманистон

Намояи боғи меваҳот дар хоҷагии ҷамоаи «Камчин»-и р-ни Ленин.

11,4 га) рост меояд. Дар Б.-и СССР қариб 10 ҳаз. хелу навъи меваҷот ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар Тоҷикистон хелу навъҳои ангур, анор, анҷир, биҳӣ, бодом, гелос, зардолу, лиму, нок, олу, олуболу, писта, санҷид, себ, тут, хурмо, шафтолу, чормаҒз ва ғ. аҳамияти истеҳсолӣ дорад. Аз ин ё он навъ буньёд кардани боғ ба хусусиятҳои биологии навъ, хок, обу ҳаво ва ғ. вобаста аст. Мас., дар Тоҷикистон 47,8% боғоти республикаро дарахтони меваи тухмдор (45,3% себ, 2,5% нок ва биҳӣ), 47,8%-ро дарахтони меваи донакдор (41,6% зардолу, 2,8% шафтолу, 3,4% олу, гелос, олуболу), 2,1%-ро чормаҒз, 2,7%-ро дарахтони меваи субтропикӣ (анор, анҷир, бодом, хурмо) ва 0,6%-ро растаниҳои цитрусӣ ташкил менамояд. Дар минтақаҳои боғдории районҳои шимолӣ: зардолу, шафтолу, бодом, олу, гелос 76,4%, себ, нок, биҳӣ 22%, анор, анҷир 1%, санҷиду тут 0,5%; Ҳисор: себ, нок, биҳӣ 93%, олу, шафтолу, олуболу, гелос 6%, анор, анҷир, бодом, 1%; Вахш: себ, нок, биҳӣ 6,7%, дарахтони донакдор 22%, меваҳои субтропикӣ ва цитрусӣ 10%; Кӯлоб: себ, нок 79%, зардолу, олу, чормаҒз 2%-ро ташкил менамояд. ВАБК 0,8 ҳаз. га боғот дорад. Минтақаи Ленинобод бештар аз 75%-и ғӯлунг ва 25%-и баргаку аштаки Осиёи Миёнаро медиҳад. Минтақаи водии Вахш асосан барои парвариши *растаниҳои цитрусӣ* мувофиқ буда, соле 900 тонна лимӯ ҷамъоварӣ карда мешавад. 89%-и боғоти минтақаи Ҳисор дар р-нҳои Ҳисор, Ленин ва Орҷоникидзеобод воқеъ гаштааст. К-зҳои ба номи Ӯрунхӯҷаев (1560 га), ба номи Ленин (640 га), ба номи Домулло Азизов (520 га) дар р-ни Хуҷанд, «Москва» (756 га), «Ленинград» (670 га) дар р-ни Конибодом, ба номи Куйбышев (800 га), ба номи Киров (726 га) дар р-ни Исфара, ба номи Энгельс (690 га) дар р-ни Ашт, «Роҳи Ленин» (640 га), «Коммунист» (600 га) дар р-ни Уротеппа, ба номи К. Маркс (640 га) дар р-ни Панҷакент, ба номи Жданов (510 га), «Ленинград» (450 га) дар р-ни Ҳисор ва с-аҳои «Марғедар» (1940 га) дар р-ни Панҷакент, ба номи Ленин (787 га), дар р-ни Восеъ ва «Чубак» (869 га) дар р-ни Москва хоҷагиҳои калонтарини Б.-и республика ба шумор мераванд. Умуман дар Тоҷикистон соле ба ҳисоби миёна 40,4—56,5 дар хоҷагиҳои пешқадам (с-зи боғдории «Шаҳринав» ва к-зи Калинини р-ни Ҳисор с. 1962) 118,5—183,5 ц/га мева меғундоранд, ки ин ба ҳар сари аҳолӣ 54 кг-ро ташкил менамояд (дар РСС Ӯзб. 41,9). Дар СССР с. 1973 8768 ҳаз. т мева ғундошта шудааст. С. 1975 дар Тоҷикистон 276 ҳаз. 150 т мева ғундошта шуд. КМ ПК Тоҷ. ва Совети Вазирони республика ба ин кишофи боғу токзорӣ эътибори махсус медиҳанд. Пешбинӣ шудааст, ки

Ғунучини себ дар с-зи ба номи Рудакии р-ни Файзобод.

то с. 1980 бештар аз 80 ҳаз. га боғҳои нав буньёд карда ҷамъоварии меваҷот ба 300 ҳаз. т расонда шавад. Масоҳати боғ бештар аз ҳисоби заминҳои лалмӣ ва доманакӯҳ зиёд меғардад. Ин-ти ботаникаи АФ РСС Тоҷ., Ин-ти минтақавии тадқиқоти илмии боғдории ба номи И. В. Мичурини Тоҷикистон (р-ни Хуҷанд), Шуъбаи боғу токзории Ин-ти тадқиқоти илмии зироати ВХҚ-и Тоҷикистон, Боғи ботаникӣ ва Ин-ти биологияи Помир, Станцияи таҷрибавии зироати субтропикӣ ва цитруспарварии Вахш (р-ни Колхозобод) ва кафедраи боғдории Ин-ти х. қ.-и Тоҷикистон тадқиқот гузаронида, навъҳои серҳосил ва агротехникаи парвариши дарахтони меваро тадқиқ ва чорӣ мекунанд. Олимони республика дар соҳаи Б. оид ба рӯёнидани навъҳои серҳосилу хушсифати дарахтони мева, дар ҳандаҳо парвариш кардани лимӯю афлесун, офаридани навъҳои анҷиру анор, интихоби навъҳои хушсифати селекцияҳ халқии зардолу, нок ва себ хизмати калоҳ карданд.

Корҳои илмӣ доир ба Б.-и СССР дар журнали «Садоводство» (аз 1838), «Асарҳо» ва диг. маҷмӯаҳои илмӣ нашр мешаванд. Аз с. 1952 оид ба Б. конгрессҳои байналхалқӣ гузаронида мешаванд.

Ад.: Розанов Б. С., Данилов В. Л., Скороход С. Т., Плодоводство Таджикистана, Д., 1970; Розанов Б. С., Эшонкулов У., Меваҳои гармидӯсти Тоҷикистон, Д., 1973; Анваров М., Боғу токпарварӣ — соҳаи сердаромад, Д., 1973; Пулатов А., Таджикский абрикос, Д., 1976.

Е. С. Арванитаки, Т. Аҳмадов.

БОҒЕВ, деҳа дар С. қ. Сучони р-ни Шуғнони ВАБК. Дар соҳили чапи д. Ғунд, дар сари роҳи калони автомобильгарди Ӯш — Хоруг воқеъ аст. Терр. с-зи «Ватан». Аз Б. то маркази С. қ. 9 км, то район 21 км. Аҳол. 677 наф. (1976), тоҷикон. Б. мактаби миёна дорад. Сокинонаш бо ғаллакорӣ (ғандум, ҷав), чорводорӣ, боғдорӣ машғуланд. Заминҳо аз д-ҳои Ғунд ва Боғевдара обьёри мешаванд.

БОҒИ БОТАНИКИИ ДУШАНБЕ, базаи илмию таҷрибавии Ин-ти ботаникаи АФ РСС Тоҷ. Дар қисми шимолии ш. Душанбе, дар баландии 880 м аз с. б. воқеъ гаштааст. Масоҳ. 40 га. С. 1933 бо мақсади ба вуҷуд овардани коллекциҳои растаниҳо, пеш аз ҳама растаниҳои маҳаллӣ, ташкил шудааст. Дар боғ зиёда аз 6000 навъу намуди дарахтон, буттаҳо, лианаҳо, гулҳои ҳарҳела ва растаниҳои гуногуни ороишӣ гирд оварда шудаанд. Б. б. Д. дендрарӣ дорад, ки он аз 30 га замин иборат буда, баробари буттаю дарахтони гуногун, майдонҳои садбаргу ёс ва ниҳолпарвариро дарбар мегирад. Дар гулхона ва гармхонаи боғ (2 га замин) дарахтони нахл, растаниҳои суккулентӣ, тропикӣ ва субтропикӣ парвариш меёбанд. Барои коллекцияи ғулу растаниҳои ороишӣ низ майдони алоҳидае ҷудо карда шудааст. Дар ин ҷо растаниҳо аз нуқтаи назари илми омӯхта шуда, навъҳои беҳтарини онҳо барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқ тавсия карда мешаванд. Натиҷаҳои тадқиқот дар маҷмӯаю монографияҳои Ин-ти ботаника ва диг. мақолаҳои илмӣ дарҷ меғардаанд. Б. б. Д. ҳар сол делектус (номгӯи тухмиҳо) нашр мекунад ва бо 450 боғи ботаникии СССР ва хорича алоқаҳои илмию амалӣ дорад.

В. И. Запрягаева.

БОҒИ БОТАНИКИИ ЛЕНИНОБОД, базаи илмию таҷрибавии Ин-ти ботаникаи АФ РСС Тоҷ. Дар соҳили рости д. Сир, дар баландии 334 м аз с. б. ҷой гирифтааст. Боғро Ин-ти ботаника бо мақсади дар ним. Тоҷикистон ба вуҷуд овардани коллекцияи растаниҳо, махсусан *набототи* маҳалли, буньёд намудааст (1955). Дар боғ ва 8 гулхонаю гармхонаи он зиёда аз 1300 намуди растаниҳои Осиёи Миёна, Осиёи Шарқӣ, кишвархои Баҳри Миёназамин, Америка ва ғ. парвариш меёбанд, ки аз онҳо 700 намудашон флораи минтақаҳои тропикию субтропикӣ мебошанд. Ҳоло кормандони Боғи ботаникӣ бо омӯзиши ҳаматарафаи *набототи* маҳаллӣ, ривоҷ додани парвариши растаниҳои камёб, мукаррар кардан ва нигоҳ доштани растаниҳои эндемии к. Мӯғул, бешазоркунонии доманаҳои он, тадқиқи растаниҳои дорувори ва ғ. машғуланд. Б. б. Л. бо 75 боғи ботаникии СССР ва 50 боғи мамлакатҳои хоричӣ тухмӣ, каламча ва пиёзаки растаниҳоро додугирифт мекунад.

Х. Очилов.

БОҒИ БОТАНИКИИ ПОМИР б а номи А. В. Гурский, муассисаи илмии тачрибавии Ин-ти биологии Помири АФ РСС Тоҷ. Дар р-ни Шуғнони ВАБК, 6 км ҷаш. шарқтари ш. Хоруг, дар нишебаи к-кухи Шуғнон (баландиҳои 2100—3500 м) воқеъ. Боғ с. 1940 бо ташаббуси проф. А. В. *Гурский* буньёд гардида, дертар (1968) номи уро гирифт. Майдони умумии боғ якҳоя бо доманаҳои кӯҳсор 612 га, заминҳои азхудшуда ва обшоргардидааш бештар аз 50 га. Дар Б. б. И. қариб 2300 намуд растаниҳои Осиёи Миёна, Кавказ, Крим, Осиёи Шарқи, Европа ва Америка парвариш меёбад, ки аз ин 70 намудаш буттаю дарахт, 1300 — растаниҳои алафи ва 270 намудаш — растаниҳои мевадор аст. Б. б. И. зуҳбан баландкӯҳ, инчунин сектори боғдори дар шароити баландкӯҳ, гурӯҳҳои *декоратсия*, гулпарвари ва растаниҳои фоидабахш дорад. Мувофиқи плани генерали аз с. 1975 инчониб азхуд намудани заминҳои нав, буньёд кардани шӯъбаи нави набототи Ҳиндукуш, боғи мева, майдони растаниҳои ороиши ва гулзорҳо давом дорад. Як қисми заминҳо ба бештаи станцияи наслӣ и обёри меҳшаванд. Дар солҳои мавҷудияти Б. б. И. 140 навъи растаниҳои мевадор ва [illegible] бештар аз 30 намуд дарахту бутта ва [illegible] намуд гиёҳҳо ба шароити ВАБК мутобиқ кунонида, барои таҳқиқоту ва ихтиёҷоти х. [illegible] истифода бурда шудаанд. Б. б. И. ба мубодилаи намудҳои [illegible] растаниҳо, кишварҳои дигар, [illegible] боғ [illegible] ва ҳифзи ҳифзи [illegible] ба [illegible] мебарад. Натиҷаҳои тадқиқот дар монография, мақмуа ва мақолаҳои илмиву мутобиқ интишор меёбанд. Б. б. И. бо 100 боғи ботаники мамлакатҳои хориҷ робитаҳо ва [illegible] ба [illegible] мебарад.

Х. Ҳоҷиев.

БОҒИ БОТАНИКИ, муассисаи илмиву тадқиқотӣ-таълимӣ ва маданию маърифатӣ [illegible] растаниҳо парвариш меёбад ва [illegible] тарибкунонӣ [illegible]. Вазифаи [illegible] [illegible] намудани растаниҳо [illegible] ва [illegible], ҷангал, [illegible] ва аҳамияти [illegible] дорад. Ҷойгиркардани растаниҳо, интродуксия (намуд ё навъи растанӣ аз [illegible] мамлакат ё минтақаро ба [illegible] ба [illegible] растанӣ (мутобиқ [illegible] растанӣ ба [illegible] [illegible] аз ҷумлаи [illegible] Б. б. [illegible]. Аз [illegible] Б. б. ҷуз [illegible] ботаника [illegible] меёбад. [illegible] дар Б. б. аз рӯи [illegible] ва систематикаи [illegible] меёбад. Дар [illegible] Б. б. [illegible] растаниҳо [illegible], [illegible] ва [illegible] мешаванд.

Дар [illegible] аз 1 [illegible] Б. б. дар [illegible] ва [illegible] республикаҳои иттифоқӣ вуҷуд дорад. Дар *Боғи ботаникии Помир*, *Боғи ботаникии Душанбе* ва *Боғи ботаникии Ленинобод* Ин-ти ботаникаи АФ баробари омӯхтани флора ва набототи РСС Тоҷ., флора ва набототи диг. мамлакатҳои ҷаҳон низ тадқиқ карда мешаванд.

БОҒИ ЗОҒӢН, деҳа дар С. қ. Ховалинги р-ни Восеъ, вил. Кӯлоб. Терр. Хоҷагии ҷангали Сари Хосор. Аз Б. З. то маркази С. қ. 40 км ва райони 140 км; роҳ мошингард. Аҳол. 281 наф. (1976), точикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан ҷангалпарварӣ (аз ҷумлаи дарахтони мевадор: чормағз, тут, гелос, себу олуча, зардолу ва г.).

БОҒИ ИРАМ باغ ارم боғи афсонавие, ки гӯё Шаддод ном подшоҳи ситамкори араб пеш аз ислом барои шуҳрати бихиштро аз байн ва ёди онро аз сари мардум бурдан сохта будааст. Мувофиқи афсона Шаддод дар сохтани Б. И. чандин сол мардумро кор фармуда, тамоми дороии онҳоро сарф кардааст, вале дар рӯзи ба итмом расидани он фавтидааст. Б. И. дар адабиёти точик рамзи боғи мусаффо, манзили роҳатафзо ва маъмурии кишвар аст. Онро Гулзори Ирам, Бӯстони Ирам ва г. низ меғӯянд.

А. Афсаҳзод.

БОҒИ КАЛӢН, деҳа дар С. қ. Гули Сурхи р-ни Ӯротеппаи вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Роҳи Ленин». Аз Б. К. то маркази С. қ. қариб 1 км, то райони 4,5 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1848 наф. (1976), точикон. Б. К. дорои мактаби миёна, клуб, китобхона, пункти тиббӣ, сартарошхона, магазин мебошад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — боғу токдорӣ. Заминҳо аз обанб. Каттасой обёрӣ мешаванд.

БОҒИ НАВ (то 1959 Шохбика), деҳа дар С. қ. Тӯгараки р-ни Восеъ, вил. Кулоб. Терр. к-зи ба номи Томин. Аз Б. Н. то маркази С. қ. 6 км, то райони 8 км, то ст. р. о. Камбари Тӯгарак 1 км, роҳ асфальт. Аҳол. 882 наф. (1976), точикон. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ, кирмкдорӣ. Заминҳо аз д-ҳои Яхсу, Ҷанҷ, кан. Кулоб обёрӣ мешаванд.

БОҒИ СИЕВУШОН باغ سیاوشان 1) яке аз оҳангҳои маросимии форс-точик, ки Борбади Марви эҷод намудааст. Махсусан дар а-ҳои 9—10 дар байни мардуми Моваронаҳр машҳур буд. 2) яке аз гушаҳои мусиқӣ дар таркиби «Дувоздаҳмақом» ва «Ҳафтмақом».

БОҒИ ШАҲРИЁР باغ شهریار **бандӣ шаҳриёр** 1) яке аз оҳангҳои мусиқиии даврӣ Сосониён, ки Борбади Марви ба муносибати ҷашнҳоии Хусрави Парвиз тасниф кардааст, 2) гушаи мусиқӣ дар «Дувоздаҳмақом» ва «Ҳафтмақом».

БОҒИ ШИРИН باغ شیرین 1) оҳанги мусиқии маросимии баҳорӣ дар даврӣ Сосониён, ки Борбади Марви ба шарафи ҷашнҳоии Хусрави Парвиз эҷод кардааст; 2) лаҳни чорум аз оҳангҳои сигоҳи Борбади Марвӣ; 3) гӯшаи мусиқӣ дар таркиби «Дувоздаҳмақом» ва «Ҳафтмақом».

А. Раҷабов.

БОҒИ ҚОЗӢ, деҳа дар С. қ. Еваз р-ни Хуҷанд, вил. Ленинобод. Терр. к-зи «40-солагии Октябрь». Аз Б. Қ. то маркази С. қ. 1 км, то райони ва ст. р. о. Ленинобод 18 км; роҳ асфальт. Аҳол. 799 наф. (1976), точикон. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, боғу токдорӣ, кирмкдорӣ ва зироати полизӣ. Заминҳо аз нармачоҳҳо ва сои Хоҷабоқирғон обёрӣ мешаванд.

БОҒИ ҲАБИБ, деҳа дар С. қ. «50-солагии СССР», р-ни Ленинградӣ вил. Кӯлоб. Терр. с-зи «Мӯъминобод-3». Аз Б. Ҳ. то маркази С. қ. 9 км, то райони 32 км; роҳ мошингард. Аҳол. 754 наф. (1976), точикон. Мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ (гову гӯсфанд), ғаллакорӣ (гандум, ҷав, сулӣ), кирмкдорӣ. Деҳа лалмикор аст. Аҳолӣ аз оби водопровод ва чашмаҳо истифода мебарад.

БОҒИРҲОН باغرخان (с. тав. помаълум — ваф. 1915), яке аз роҳбарони шӯриши Табрез дар даврӣ *Революцияи Эрон* 1905—11. Сардори дастаҳои революционии фидоиёни Табрез, ҳамсафи қаҳрамони халқи Эрон *Саттарҳон*. Бинокор. Бо роҳбарии ӯ барои нигаҳдории тартибот комиссияи ҳарбӣ ташкил гардид. Барои хизматҳояш ба ӯ унвони «Солори миллӣ» дода шуд. Апр. 1909 қувваҳои иртиҷоӣ ба Табрез зада даромаданд ва Б. шаҳрро тарк карда, ба Теҳрон омад. Б. дар ҷанг дар мавзеи Қасри Ширин кушта шуд.

БОҒЧАИ БАЧАГӢН, муассиса барои тарбияи ҷамъиятии кӯдакони синни томактаби Аввалин муассисаи бачагонаро Р. Оуэн дар Нью-Ленарк (Шотландия) с. 1802 ташкил карда буд. Ба муассисаи томактабии Германия с. 1837 Ф. Фребель номи Б. б-ро дод. Дар Россия якумин Б. б. с-ҳои 60-уми а. 19 таъсис ёфт.

Аз рӯзҳои аввали мавҷудияти Ҳокимияти Советӣ Б. б. ҳамчун муассисаи оммавӣ ташкил шуд. Б. б-ро Советҳои маҳаллии депутатҳои халқи, корхонаҳо, к-зҳо ташкил мекунанд.

Аввалин бор Б. б. дар РСС Тоҷ. с. 1921 ташкил шуд, дар 3 боғчаи уезди Хуҷанд 140 наф. кӯдакон тарбия мегирифтанд. Дар Душанбе аввалин Б. б. с. 1929 ба кор сар кард, ки 25 ҷой дошт. Дар республика 610 муассисаи томактабии ҳаст (1977). Дар онҳо 91 [illegible] наф. кӯдакон тарбия мегиранд. Дар к-зу с-ҳои республика (ба ғайр аз боғчаҳои мавсимӣ) 191 Б. б. (1977) тамоми сол кор мекунад, ки 12431 наф. кӯдаконро дарбар мегиранд.

БОҒЧАСАРӢ, шаҳр, маркази р-ни Боғчасарои вил. Криму РССУ. Ст. р. о. Аҳол. бештар аз 16 ҳаз. (1970). З-дҳои спирт, равғани эфир, шарба-

ти мева, консерв, вино, шир, маснуоти оҳанубетонӣ, цемент, чӯбгарӣ ва ф-каи ресмонресӣ дорад. Осори меъмориаш: ансамбли Қасри хон (а. 16), як қатор мақбара ва мадрасаҳои а-ҳои 14—18 ва г. Б. аввали а. 16 буньёд ёфтааст. То ба Россия ҳамроҳ шудан (1783) пойтахти хонии Қрим буд.

БОҚИЕВ Хуррам (1898, қиш. Лангари ВАБК — 1939), ходими партиявӣ ва давлатӣ, иштирокчии фаъоли муборизе дар роҳи мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ ва сохтмони социализм дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1922. Аз оилаи деҳқони камбағал. С-ҳои 1912—18 дар отряди сарҳадчиёни ҳукумати подшоҳӣ дар қиш. Лангар, 1919—24 дар сафҳои Армияи Сурх ва милиционяи халқӣ хизмат кард. С-ҳои 1924—26 раиси Комитети революционии волости Ишкошим, сардори Шӯъбаи милиционяи ВАБК, 1926—27 дар Мактаби советию партиявии ш. Душанбе таҳсил кард. С-ҳои 1927—30 раиси суди вилоят, раиси Комиҷроияи ВАБК, 1930 — окт. 1937 котиби якуми Комитети партиявии ВАБК. Иштирокчии фаъоли ҳаёти сиёсии мамлакат, аъзои КИМ СССР (даъватҳои 5—6), с-ҳои 1930—37 аъзои КМ ПК(б) Тоҷ. ва ҷонишини Раиси КИМ Тоҷ. буд. Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнати РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст. *И. Келдиев.*

БОҚИЕВА Муслима (тав. 7. 11. 1933, Бухоро), ҳофизи советии тоҷик, Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1971). Санъати сароянда гиро аз падараш Боқиев Солеҳ — ичрокунандаи суруду мусиқии классикии тоҷик омӯхтааст. Аз давраи таҳсил дар мактаб дар дастаи ҳаваскорони санъат иштирок дошт. Фаъолияти эҷодиаш аз с. 1953 дар Ансамбли рубобчизанони Филармонияи давлатии Тоҷикистон сар шуд. Репертуари Б. аз сурудҳои тоҷикӣ, озарӣ, русӣ, туркманӣ ва диг. халқҳои СССР ва шарқи хоричӣ иборат аст. Дар ҳаёти Ансамбли рубобчизанон дар шаҳрҳои гуногуни Иттифоқи Советӣ ва Эрон (1957), ду бор дар Афғонистон (1963, 1973) бо программаҳои концертӣ баромад кардааст. Маҳорати сароянда гии ӯ махсусан дар ичрои сурудҳои лирикии «Эй машъали Шарқ», «Гул ба боғ», «Чоми май», «Савғо», «Пахтачинон месароянд» ва дигарҳо зоҳир мешавад. Дар Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва (1957) ва Фестивали 6 умумиҷаҳонии ҷавонон ва студентон дар Москва (1957) иштирок кардааст. Бо ордени «Нишони Фахрӣ», чанд медаль ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

БОҚИЕВА Суфро (тав. 1926, деҳаи Шаҳраки р-ни Исфара), говчӯш, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1966), Устоди чорводории РСС Тоҷикистон (1967). Аъзои КПСС аз с. 1958. Солҳои 1941—54 колхозчӣ, 1954—58 сардори бригадаи кирмакдорӣ ва аз с. 1958 говчӯши к-зи ба номи Ленини р-ни Исфара мебошад. Б. дар тараққии соҳаи чорводории раён саҳми калон дорад. Б. депутати Советии Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 6—8), вакили Съезди 3-юми умумиттифоқии колхозчиён буд. Бо ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОҚИИ РӮДӢ باقیِ رودی (с. тав. ва ваф. номаълум), ҳофиз, бастакор, машшоқ ва ширинкори а. 16-и тоҷик. Дар Бухоро тав. шуда, дар Ҳирот ваф. кардааст. Санъати созу овоз ва ширинкориро аз падар омӯхта, дар ин соҳа устод гардид. Муаллифи чандин асари мусиқӣ мебошад. Аз ҷумла, ба ҳавои «Сегоҳ», «Рост», «Чоргоҳ», «Панҷгоҳ», «Исфаҳон» ва г. чандин «Нақш», «Пешрав», «Савт», «Тарона» дар асоси зарбу вазнҳои «Зарбулфатҳ», «Туркзарб», «Чорзарб» эҷод намудааст. Оҳангҳои «Сарви суманбар», «Савти Чоргоҳ», «Таронаи Панҷгоҳ» ва г. аз таснифоти машҳури ӯ мебошанд. *А. Раҷабов.*

БОҚИИ ҶАРРОҲИ САМАРҚАНДӢ باقیِ جراح سمرقندی (с. тав. ва ваф. номаълум), навозанда, бастакор, мусиқишиноси а-ҳои 16—17 тоҷик. Илмҳои замонашро омӯхта, махсусан дар илми тиб шӯҳрат ёфтааст. Санъати мусиқӣ ва таснифи оҳангҳоро дар назди *Кавкабии Бухорӣ* омӯхтааст. Чанд муддат дар дарбори султон Саидхон (Самарқанд) чун табиб ва санъаткор хизмат намудааст. Муаллифи як силсила асарҳои гуногунжанри мусиқи мебошад. Аз ҷумла, оҳангҳои «Таснифи Рост», «Таснифи Сегоҳ», «Нақши Сегоҳ», «Пешрави Рост», «Амали Рост», «Амали Сегоҳ» ро ба ҳавои «Рост», «Сегоҳ» бар вазнҳои «Даври шоҳӣ» ва «Зарбулфатҳ» эҷод намуда, қисме аз онҳоро ба устодаш Кавкабии Бухорӣ бахшидааст. Дар охири умр ба хизмати ҳокими Ҳисор Темурхон даромада, он ҷо аз олам гузаштааст.

БОҚИЛО, боқлӣ (Vicia faba, Faba vulgaris), растании яксолаест аз *лӯбиёҷо*. Тирреашаш то чуқурии 80—150 см ба хок медарояд. Поясаш рост, дарунхоли ва то 150 см баланд мешавад. Баргаш паршакл, гултӯдаш хушанамо, гулаш сафед, гулобӣ, заъфарӣ (баъзан доғҳои сиёҳ дорад), одатан худгардолудшаванда, меваш ғилофаки (дарозиаш то 10 см) 2—6-тухма (1000 донааш 300—800 г). Б. зироати намдӯст. Ниҳолаш ба 4—6° С хунуки тоб меорад. Давраи пишаваш 90—100 рӯз. Б. зироати хеле қадим, худрӯи он маълум нест. Кишти Б. дар республикаҳои Осиёи Миёна аз а-ҳои 6—8 маълум аст. Асосан дар мамлакатҳои соҳили Баҳри Миёназамин, Европаи Ғарбӣ, Африка, Америка, Афғонистон, Ҳиндустон ва г. мекоранд. Майдони ҷаҳонии кишти Б. 5 млн га, дар СССР (300 ҳаз. га) дар ҳама ҷо кишт мекунанд. Дар РСС Тоҷ. дар заминҳои обии ВАБК барои дон ва хӯроки чорво (3 ҳаз. га) мекоранд. Б. қариб 100 навъ дорад ва аз рӯи аҳамияти хоҷагиашон ба 2 гурӯҳ (полизи ва хӯроки чорво) ҷудо мешаванд. Б.-и хӯроки чорво сербаргу поя ва майдатухм аст. Ба миқдори зиёд сафеда, ангиштоб ва витамин дорад. 1 кг дони Б.-и хӯроки чорво ба ҳисоби миёна 1,15 воҳиди хӯрокӣ, 237 г протеини ҳазмшаванда, 1,5 г Са, 4 г Р, 1 мг каротин ва баргу пояи сабзаш 21 г протеини ҳазмшаванда, 2 г Са, 0,5 г Р, 20 мг каротин дорад. Б.-ро бештар дар хоҳҳои сернаму ҳосилхез кишт мекунанд. Асосан барои хӯроки чорво (дон, алафи тар, силос) сарф мешавад. 20—30 ц/га дону 200—300 ц/га баргу поя медиҳад. Кишти Б. хокро аз нитроген бой мегардонад. Дар СССР бештар 14 навъи Б.-и хӯроки чорво паҳн шудааст. Б.-и полизи одатан меваю дони калон дорад. Бештар барои тайёр кардани оши равон (суюқ), салат, гарнир, консерв ва г. истифода мекунанд. Навъҳои Б.-и ғизоии «Белорусские», «Русские чёрные», «Виндзорские белые» ва «Виндзорские зелёные» маъмул гаштаанд. Ниҳоли Б. аз ширинта, ғамбусаки нуллдарозак, донхӯраки паҳӯ ва г. ва касалиҳои аскохитоз, микроспориоз, карра, ланга, церкоспороз, ҷардзани ва г. зарар мебинад.

Ад.: Косимов Ч. К., Боқилои хӯроки чорво, дар кит.: Зироатҳои хӯроки чорво дар Тоҷикистон, Д., 1965; Мавсурян Н. А. ва диг., Растениеводство, М., 1971. *А. Ҳолматов.*

БОҚИМУҲАММАД باقی محمد (с. тав. номаълум — ваф. 1605), хони Бухоро (1599—1605) аз сулолаи *Аштар-*

зонийён. Баъди қатли Абдулмўъмин ҳукмрониии хонадони Шайбониён ба охир расид. Бинобар ин Б. ба тахти Бухоро нишаст ва дар натича ҳукмрониии сулолаи нав — Аштархониён ё ҳуд «Чонийён» сар шуд. Б. сиёсати доҳиля ва берунии ҳудро ба манфиати феодалҳое, ки ба тахт нишастани ўро тарафдори намуданд, равона кард. Ў ба тартиб овардани корҳои идораи давлати, аз нав ташкил кардани кўшуни ва дида баромадани андоз барои баъзе тадбирҳо андешида, ислоҳот гузаронд. Дар давраи ҳукмрониии Б. халқҳои қазоқ, қарақалпоқ ва г. бар ваҳдати зулму истибдод борҳо шўриш бардоштанд.

БОҚИРИЯ — ном яке аз фирқаҳои исломия. Асосгузораш Абучаъфар Муҳаммад мулаққаб ба «Боқир ул-илм» (вафо 732 ё 736).

БОҚИХОНОВ Аббосқулӣ (таҳал. Қудси, 21. 6. 1794, деҳаи Амирчон, наздики Боку — 31. 5. 1847, деҳаи Қуббаи), нависанда, олими маорифпарвари озар. Забонҳои араби ва форсиро наҳв медонист. С. 1819 ҳамчун тарҷумони забонҳои Шарқ дар назди губернатори Тифлис кор кардааст. С. 1833 ба Россия сафар карда бо А. С. Пушкин мулоқот намудааст. Дар асари ҳаҷвии «Мурочиат ба табрезиён» ҳукуматдоронро руҳонияро ҳаҷв намудааст. Б. асосгузори таъриҳшиносии илмии Озарбойҷон мебошад. Дар китоби «Гулистони Ирам» таъриҳи Озарбойҷонро аз даврахои қадим то ибтидои а. 19 инъикос кардааст. Дар «Ҳарҳои илмиа» фалсафии «Асрор ул-малакут», «Китоби насиҳат» ва рисолаи ахлоқии «Таҳзиб ул-ахлоқ» ва г. ҳикматҳо, тасаввуф ва ҳуруфиро таҳлил ва илму маорифро тарғиб намудааст.

БОҲИРОВ Шоир (тав. 1914, деҳаи Кумсиёсии Конибодом), ходими партиявию давлати, Қаҳрамони Меҳнати. Социалистии (1962). Аъзои КПСС аз с. 1943. Б. с. 1945 то синфи 8 к. и. Ленинобод хатм карда, то соли 1950 — директори МТС-и Мурдоштепа, 1950—60 — раиси ... ва директори ... МТС-и ... Ленинобод, 1960—63 сардорони ва директори МТС-и Карамчиқ, 1963—65 раиси комитети вилоятии Советии депутатҳои меҳнатқашони ... 1965—69 раиси ... «Ленинград», 1969—71 раиси Комитети раёсати иттиҳоди касаба ... ва ... Конибодом. Аз с. 1975 вафоҳурда аст. Б. депутати Советии Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 4 ва 5). Бо 2 ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, 3 ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БОҲТУР (Ophisaurus apodus), калтакалоси бепой. Дарозиаш то 1,5 м, рангаш сиёҳи сурхчатоб, ҳолҳои зарди ба сабз моил ё сурхтоб дорад. Дар ҷан. шарқии Европа, Осиёи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ, Ғарбӣ, Крим ва Кавказ паҳн шудааст. Дар Тоҷикистон қариб ҳамаҷоя вомехўрад. Б. дар соҳили дарёҳо, ҳамвории доманакўҳҳои сералафу буттазор, ҷангалҳои тунук, боғу саҳро дида мешавад. Нагз шино мекунад. Модабоҳтур одатан дар июну июль 8—10 тухм мегузорад. Охирҳои авг. боҳтурчаҳо аз тухм баромада, аз назар ғоиб ҳаёт мегузаронанд. Хўроки Б. — ҳашароти зараррасони х. қ. ва нармбаданон.

Ад.: Черчов С. А., Фауна Таджикской ССР, т. 18, Пресмыкающиеся, Д., 1959. *С. А. Саидалиев.*

БОҶ навъи андозе, ки ҳангоми аз як давлат ба давлати дигар ворид кардани молҳои тиҷоратӣ ситонида мешуд. Ҳаҷми Б. ба 2,5% нархи фурўши мол муайян мегардид. Аксари вақт ин қоида риоя карда намешуд. Мувофиқи ҳуҷҷати с. 1897 а-ҳои 18—19 дар ҳудуди Бухорои Шарқи ҳашт боҷхона мавҷуд буд. Ҳаҷми Б. дар боҷхонаҳо як хел набуд. Б. на фақат аз гузаронидани мол, ҳамчунин аз чаронидани чорво низ ситонида мешуд. Мас., охири а. 19 чорводорони Уротеппа барои чаронидани рамаҳои худ дар чарогоҳҳои Ҳисор аз ҳар ҳазор гусфанд 5 гўсфанд Б. медоданд.

Н. Маҳмудов.

БРАГЕ (Brahe) Тихо (14. 12. 1546, Кнудструп — 13. 10. 1601, Прага), астрономи данияги. Б. с. 1572 дар бурҷи Зотулкурси ситораи навро мушоҳида кард. Дар расадхонаи Ураниборг (назди Копенгаген) дар давоми 21 сол ситораву сайёра ва кометаҳоро мушоҳида намуда, вазъи ҷирмҳоро бо саҳеҳии калон муайян кард. Дар ҳаракати Моҳ ду побаробариро ошкор соҳт; Б. исбот кард, ки кометаҳо ҷирмҳои осмонианд, ки аз Замин назар ба Моҳ дуртар меистанд. Ҷадвалҳои *рефракция*ро тартиб дод. И. *Кеплер* қонунҳои машҳури ҳудро дар асоси мушоҳидаҳои Б. кашф кардааст.

БРАГИНСКИЙ Иосиф Самуилович (тав. 18. 6. 1905, Боку), шарқшиноси советии рус, доктори илмҳои филология (1954), профессор (1959), аъзои корр. АФ РСС Тоҷ. (1951), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷ. (1955). Аъзои КПСС аз с. 1925. Ин-ти шарқшиносии ба номи Нариманов-и Москва-ро с. 1931 хатм ва мудааст. С-ҳои 1933—40 дар Тоҷикистон вазифаҳои партиявию сиёсиро ичро мекард (мудири шўъбаи пропагандаи КМ ПК(б) Тоҷ., муҳаррири журнали «Ба ёрии коркунони партиявӣ» ва г.). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. То с. 1952 сардори шўъбаи Саруправлениями сиёсии Армиями Советӣ буд. Аз с. 1952 дар Ин-ти шарқшиносии АФ СССР кор мекунад. Инчунин аз с. 1957 сармуҳаррири журнали «Народы Азии и Африки» мебошад.

Якумин мақолааш — «Ленин» дар газетаи «Правда» (28. 3. 1924) чоп шудааст. Аз с-ҳои 30-юм ба тадқиқи адабиёт ва фольклори тоҷик шурўъ кард. Дар муборизае, ки С. Айнӣ дар роҳи исботи ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси адабӣ сар карда буд, фаъолона иштирок дошт (сарсуҳани «Намунаҳои адабиёти тоҷик», 1940). Муҳимтарин масъалаҳои фольклори тоҷик, эпоси қаҳрамонии «Гўруғлӣ», давраи қадими адабиёти халқҳои эрониро омўҳта, чиҳатҳои хос ва таъриҳи ташаккулу такомули халқияти адабиёти классикии форс-тоҷикро равшан кардааст. Тадқиқи эҷодиёти Рўдакӣ (хусусан маҳорати бадеии вай) дар ҷустуҷўҳои илмии Б. мавқеи муҳим дорад. Дар бораи аксари намояндагони бузурги адабиёти классикии форс-тоҷик тадқиқот анҷом додааст. («Аз таъриҳи адабиёти форс-тоҷик», 1972; Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Ибни Сино, 1974). Дар тадқиқи баъзе масъалаҳои асосии таъриҳи маданияту адабиёти Шарқ, хусусан Шарқи Советӣ — масъалаи Ренессанси Шарқ, маорифпарвари дар Шарқ, синтези адабии Шарқу Ғарб (эҷодиёти И. Гёте, А. Пушкин, С. Айнӣ, М. Авезов) саҳми муҳим дорад. Яке аз нахустин муҳаққиқони эҷодиёти С. Айнӣ ва таъриҳи адабиёти советии тоҷик аст. Б. аз фаъолтарин таблиггарони адабиёти тоҷик мебошад (тарҷумаю нашри оммавӣ). Дар тайёр кардани кадрҳои илмии Тоҷикистон фаъолона иштирок дорад. Аз с. 1964 узви ИН СССР. Бо ордени Ситораи Сурх, чанд медаль ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Советии Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

Ас.: Из истории таджикской народной поэзии, М., 1956, 12 миниатюр, М., 1967, Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Д., 1968, Из истории персидской и таджикской литератур, М., 1972, Проблемы востоковедения, М., 1974, Проблемы творчества Садриддина Айни, Д., 1974, Исследования по таджикской культуре, М., 1977.

Ад.: Брагинский И. С. Библиографический указатель, Д., 1966. *М. Шукуров.*

БРАДЗОТ (норв. brad — нотаҳои ва sott — касали), касалии шадиди сироятии гусфанд. Бо заҳролудшавии умумии организм, иллати меҳда, ҷигар ва дигар узвҳои даруни зоҳир мегардад. Б.-ро клостридиҳои заҳрҷудокунандаи Clostridium septicum, C. oedematiens ва баъзан C. perfr. меан-

гезанд. Б.-ро ҳамчун касалӣ бори аввал с. 1888 дар Норвегия Ивар Нильсен (Ivar Nielsen) ва дар СССР с. 1929 К. П. Андреев муайян намуданд. Дар шароити табиӣ ба Б. ҳамаи зотҳои гӯсфанд ҳассосанд. Манбаи ангезандаи Б. хок мебошад. Б. ба хочагиҳои гӯсфандпарварӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад. Ҳайвони касал қариб 100 фоиз ҳалок мешавад. Усули муолиҷаи Б. номаълум.

Ад.: Брадзот, дар кит.: Болезни овец, М., 1963.

БРАЗЗАВИЛЬ (Brazzaville), шаҳр, пойтахти Республикаи Халқии Конго, дар соҳили рости поёноби д. Конго. Аҳол. 310,6 ҳаз. наф. (1975). Маркази нақлиёт, савдо, саноат ва молияи мамлакат. Бандари дарьёӣ. Ба воситаи р. о. ва шоссе бо бандари баҳрии Пуэнт-Нуар пайваста аст.

Браззавиль. Яке аз кӯчаҳои марказӣ.

Аэропорташ (Майя-Майя) аҳамияти байналхалқӣ дорад. Дар Б. ф-каҳои ресандагию бофандагӣ, либосдӯзӣ, гӯгирд, тамоку, з-дҳои пиво, яхи сунъӣ, равган, консерви мева, оби газдор, моҳихушконӣ, таъмири киштӣ мавҷуданд. Кандакории рӯи чӯб, истеҳсоли сафолоти мунаққаш тараққӣ кардааст. Ин-ти тадқиқоти мамлакатҳои Африкаи Марказӣ, Ин-ти Пастер дар Б. воқеъ аст. Б. с. 1880 буньёд гардидааст.

БРАЗИЛИЯ (Brasil), Республикаи Федеративии Бразилия (Republica Federativa do Brasil), давлат дар Америкаи Ҷанубӣ. Масоҳ. (бо ҷаз-ҳо) 8512 ҳаз. км². Аҳол. 110,1 млн наф. (1976). Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 22 штат, 4 терр. ва як округи федералӣ (пойтахт) тақсим мешавад. Пойтахташ — Бразилия.

Сохти давлатӣ. Б.— республикаи федеративӣ. Конституцияи ҷорӣ окт. 1969 қабул шудааст. Президент сардори давлат, ҳукумат ва сарфармондеҳи қуввоҳои мусаллаҳ мебошад. Ӯро намояндагони ҳар ду палатаи парламент ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунанд. Ҳокимияти қонунбарор парламент (Конгресси Миллӣ) аз ду палата (сенат ва палатаи депутатҳо) иборат аст.

Системаи судӣ: судҳои федералӣ (судҳои олии федералӣ, судҳои аппеляционии федералӣ, трибуналҳои ҳарбӣ, судҳо доир ба корҳои интихобот ва меҳнат) ва судҳои штатҳо.

Табиат. Марказ ва ҷанубӣ Б.-ро паҳнкӯҳи Бразилия ишғол кардааст (нуқтаи баландтарипаш дар шарқ — к. Бандейра, 2890 м). Канори шарқии ин паҳнкӯҳ бар пастии камбари наздисоҳили уқ. Атлантик зина-зина баланд мешавад. Дар канори ғарбии он пастии ботлоқзори Пантанал воқеъ аст. Паҳнкӯҳро дар Шим. аз пастии Амазонка зинаи тектоникӣ ҷудо мекунад; аз ин пастӣ яке аз калонтарин д-ҳои дуньё—Амазонка ҷорист. Сарҳади шимолии Б. аз бахшгоҳи марказии паҳнкӯҳи Гвиана (к. Рорайма, 2772 м) мегузарад. Дар Ҷ. ва Ҷ. Ғ. як қисми пастии Ла-Плата ба ҳудуди Б. дохил мешавад. Б. сарватҳои зеризамини оҳан, ангиштсанг, манган, боксит, хром, мис, фосфорит, полиметалл, тилло, нефть, металлҳои камьёб ва рангa, намак ва г. дорад. Иқлими Б. аз Шим. Ғ. ба тарафи Ҷ. Ш., аз иқлими экваториаи серборишто субтропикӣ, ки боришоташ мавсимӣ мебошад, тағьир меёбад (ҳарор. миёнаи янв. аз 23° то 29° С, июль аз 16° то 24° С); бориш дар Ғ. пастии Амазонка — 3000 мм, дар Шим. Ғ. паҳнкӯҳи Бразил — 500 мм ва дар Ҷ. он 1200 мм. Д-ҳо хеле зиёданд; калонтарини онҳо: Амазонка (ва шохобҳои он Риу-Негру, Мадейра ва Тапажос), Парана, Парагвай, Уругвай, Сан-Франсиску, Парнаиба, Токантинс ва г. Пастии Амазонка ва қисми ба он наздики паҳнкӯҳро бешаҳои серпаму каспогузари экваторӣ пӯшидаанд ва дар маркази паҳнкӯҳ ҷангал тунук шуда, ба саванна ва чакалак ва буттазор табдил меёбад. Ҷ. Ш. паҳнкӯҳи Бразилия ва пастии назди Атлантик бо бешаҳои тропикӣ, Ҷ. паҳнкӯҳи Бразилия бо ҷангалҳои ҳамешасабзи дарахтони паҳнбарг ва омехта пӯшида шудаанд. Олами ҳайвонот хеле гуногун: каштафиушт, мӯрчахӯр, лаванд, тапир, ҳар гуна хоиндаҳо, тӯтӣ, чилмангӯштак, анаконда, каймон ва г.

Аҳолӣ. Қисми зиёди аҳолӣ (95%) бразилиҳоанд. Муҳоҷирони Европа ва Осиё (португалиҳо, италиягиҳо, испаниҳо, немисҳо, украинҳо, японҳо, лубониҳо, суриёниҳо ва диг.), ки ақаллияти миллиро ташкил медиҳанд, зиндагӣ мекунанд. Ҳиндуёни дар ноҳияҳои дурдасти каспогузар, асосан дар ҳавзаи д. Амазонка боқи мондаанд. Забони давлатӣ — португалӣ. Дини ҳукмрон — католикӣ. Калонтарин ш-ҳо: Сан-Паулу, Рио-де-Жанейро, Белу-Оризонти, Ресифи, Салвадор, Форталеза, Порту-Алегри.

Очерки таърихи. Аз замонҳои қадим дар ҳоки Б. қабилаҳои серпшумори ҳинду зиндагӣ мекарданд. С. 1500 Б.-ро португалиҳо кашф карданд. Мамлакат номи худро аз номи дарахти «наубразил», ки онро португалиҳо аз ин ҷо кашонда мебурданд, гирифтааст. Португалия барои соҳиб шудан ба ин сарзамин бисьёр солҳо бо Франция ва Голландия мубориза бурд. То ибтидои а. 19 Б. мустамликаи Португалия ва ҳокимияти марказӣ дар дасти генерал-губернатори он буд. Янв. 1808 нас аз Португалия-ро ишғол кардани қушунҳои Наполе-

1. Л. Коста, О. Нимейер, А. Э. Рейдли ва диг. Бинои Вазорати маориф ва нигаҳдории тандурусти дар Рио-де-Жанейро. 1937—43; 2. Райони Морру-да-Виува дар Рио-де-Жанейро. Нимаи а. 20. 3. Л. Коста. Бинои истиқоматии «Нова Синтра» дар Рио-де-Жанейро. 1948. 4. А. Э. Рейдли. Ансамбли биноҳо дар теппаи [illegible]дрегульйои Рио-де-Жанейро. 5. О. Нимейер. Қасри президент дар ш. Бразилия. 1958—59




БРАЗИЛИЯ
300 0 300 км
ВЕНЕСУЭЛА
СУРИНАМ
МАНАУС
БЕЛЕН
САН ЛУИС
ФОРТАЛЕЗА
ТЕРЕЗИНА
НАТАЛ
ЖУАН ПЕСОА
КАМПИНА ГРАНДИ
КАРУАРУ
ПАЛМИНДА
РЕСИФИ
МАСЕИО
АРАКАЖУ
ФЕЙРА ДИ САНТАНА
САЛВАДОР
БРАЗИЛИЯ
ГОЯНИЯ
БЕЛУ ОРИЗОНТИ
ВИТОРИЯ
РИО ДЕ ЖАНЕЙРО
САН ПАУЛУ
САНТУС
Парнаиба
Собрал
Мосоро
Натал
Жуазейру ду Норте
Паулистана
Сантаи Филомена
Петролина
Тарануй
Барра
Монтес Кларус
Говернадор Валадарес
Итапемирим
Итабуна
Итабуна
Итабуна

боз ҳам калонтар кушод. Президент Ж. Куадрос (1961), ки сиёсати мустақкам намудани истиқлоли миллиро пеш гирифтанӣ буд, зери фишори доираҳои реакционӣ ва монополияҳои ШМА маҷбур шуд ба истеъфо барояд. Оммаи халқ ба ҳимояи қонунияти конституционӣ бархост ва Ж. Гуларт, ки пайрави сиёсати миллии Ж. Варгас буд, президент шуд. Ҳукумати Гуларт (1961—64) импорти нефтьро монополияи давлат эълон намуд, бо СССР муносибати дипломатӣ барқарор кард. Апр. 1964 Ҳукумати Ж. Гуларт сарнагун шуда, гурӯҳи ҳарбию сиёсӣ бо сардории маршал У. Кастелу Бранку ба сари ҳокимият омад. Ҳукумати нав ҳамаи декретҳои президент Гулартро бекор, партияҳои сиёсиро пароканда, бисьёр шахсонро аз ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳрум карда, ба капитали хоричӣ гузашт намудан гирифт. Конституция аз эътибор соқит, ваколати Конгресси миллӣ маҳдуд шуд. С-ҳои 1967—68 ҳаракати студентон ва муборизаи коргарон бар зидди режими ҳарбӣ боз авҷ гирифт. Як навъ «фронти васеи» оппозицияи легалӣ ташкил ёфт, аммо ҳукумат аввалҳои апр. 1968 фаъолияти онро манъ кард. Окт. 1969 ҳукумати Э. Гаррастазу Медиси ба сари ҳокимият омада, озодиҳои сиёсиро боз ҳам маҳдуд кард, сиёсати бо мадади капитали хоричӣ тезонидани тараққиёти иқтисодӣ ва пешрафти сектори хусусиро пеш гирифт. Марти 1974 ҳукумати нави ҳарбӣ бо сардории генерали ба истеъфо баромада Э. Гейзел ба сари ҳокимият омад.

Партияҳои сиёсӣ. Баъди табаддулоти давлатӣ (1964) моҳи окт. 1965 доир ба манъ кардани фаъолияти ҳамаи партияҳо қонун қабул карда шуд. С. 1966 бо иҷозати ҳукумат ду партия ташкил гардид: Иттифоқи миллии таҷдид, партияи расмии ҳукуматӣ, ки манфиати буржуазияи калони саноатӣ ва ҳарбиёни реакционии ба монополияҳои ШМА вобаста бударо ифода мекунад. Ҳаракати демократии Бразилия, намояндагони оппозицияи легалӣ ва аъзоёни собиқ партияи меҳнатӣ (трабалистӣ) — партияи буржуазияи миёна ва миёнаро дарбар мегирад. Партияи Коммунистии Бразилия (1922 таъсис ёфтааст) дар шароити ғайрилегалӣ амал мекунад.

Хоҷагӣ. Б. яке аз он мамлакатҳои Америка аст, ки потенциали калони иқтисодӣ дорад. Аммо ҳиссаи ин мамлакат дар хоҷагии ҷаҳони капиталистӣ с. 1965 танҳо 0,8% тамоми маҳсулоти саноатиро ташкил дод. Сабаби ин ҳолат ҳукмронии дурударозии мустамликадорони Португалия ва ба мамлакат сар дарозардани капитали хоричӣ мебошад, ки процесси тараққиёти капиталистиро боз дошт. Дар иқтисодиёти Б. монополияҳои хоричӣ (пеш аз ҳама монополияҳои ШМА) роли калон бозида, савдои беруниӣ ва саноатро таҳти назорат гирифтаанд, дар соҳаи саноати автомобильсозӣ, гӯшт, химия, электроэнергетика ва г. корхонаҳои калонро дар дасти худ нигоҳ медоранд. Р. о., алоҳа, як қисми нақлиёти баҳрӣ ва истеҳсоли қувваи электр, нефть, маъдани оҳан, ангишт, қисми зиёди металлургияи сиёҳ ва софкории нефть аз они давлатанд. Истеҳсоли маъдани оҳан ва манган аҳамияти калон дорад. Роли Б. дар истеҳсоли маъданҳое, ки аҳамияти стратегӣ доранд: ниобий ва бериллий (яке аз ҷойҳои аввал дар байни мамлакатҳои капиталистӣ), тантал, цирконий, вараксанг ва кварсҳо кристалли зиёд аст. Истеҳсоли маъданҳои радиоактивӣ меафзояд. Истеҳсоли нефть ва ангишт эҳтиёҷоти мамлакатро конеҳ гардонда наметавонад. Соҳаҳои саноати масъуотбарор, саноати автомобиль, коркарди металл, химия, софкории нефть, ҳуҷоквори, бофандагӣ ва металлургия, калонтарин дар Америкаи Лотинӣ аз-ди Волта Редонда аҳамияти калон доранд. Районҳои асосии саноати штати Сан Паулу мебошад.

Дар х. қ. заминдории калон бартарӣ дорад: зиёда аз 80% и деҳқонон заминҳо надоранд. Қисми зиёди фонди замин экстенсивӣ истифода мешавад. Танҳо 3,5%-и масоҳати Б. киштукор мешавад, 5% қисми арзиши маҳсулоти х. қ. ро растанипарвари медиҳад. Истеҳсоли зироатҳои экспортӣ — каҳва (ҷои 1-ум дар ҷаҳон, асосан дар Ч. Ш.), какао (нохияи Ильеуса, шт. Баия), найшакар ва пахта (дар Ш.-и Ш. ва Ч. Ш.), банан (ҷои 1-ум дар ҷаҳон), афлесун ва г. роли калон мебозад. Зироатҳои асосии ҳуроки: чуворимакка, лубиё, шоли ва маниок. Истеҳсоли ғаллаҳо ... ахолиро конеҳ наметавонад. Чорводо-

1. Бешаи серниами сохилҳои Д. Амазонка. 2. Қисми шимолу шарқии нахиеҳои Бразилия. 3. Дар ҳавзаҳои штати Сан-Паулу. 4. Заводи истеҳсоли маҳсулоти нефть дар Салвадор. 5. Рио-де-Жанейро. Намуди умумии шаҳр. Аз рост — кӯҳи Пан-ди-Асукар («Каллаҳанд»). Аз чап — дар пеш теппаи Корковаду ва ҳайкали Исо (1931, амали ҳайкалтарошии франсавӣ П. Ландовски).

1. Мебели [illegible] 2. [illegible] 3. [illegible] 4. [illegible] 5. [illegible] 6. [illegible]

[illegible] ва [illegible] ба [illegible] [illegible] ба [illegible] [illегible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illeg

Сохтмони бинои НБС и Норак дар д. Вахш.

Ун-ти Бразилия дар Рио-де-Жанейро (1920 таъсис ёфтааст) ва Ун-ти Сан-Паулу (1934). Калонтарин китобхонаҳо: Китобхонаи миллӣ (с. 1810 таъсис ёфтааст), Китобхонаи подшоҳии Португалия (1837), Китобхонаи муниципалии Сан-Паулу (1925). Музейҳои асосӣ: Музеи миллӣ (1818), Музеи миллии таърих (1922) дар Рио-де-Жанейро, Музеи санъати муосир (1946) ва Музеи этнография (1934) дар Сан-Паулу. Марказҳои асосии илмии мамлакат: АФ Бразилия (1916 таъсис ёфтааст), Ин-ти миллии технологӣ (1935), Академияи миллии илмҳои тиб ва г. Ҳамаи муассисаҳои асосии илмӣ дар Рио-де-Жанейро ва Сан-Паулу воқеъ гардидаанд.

Матбуот, радио ва телевизион. С. 1973 дар Б. зиёда аз 250 газетаи ҳаррӯза чоп мешуд. Серпуфузтарини онҳо дар Рио-де-Жанейро: «Глобу» («O Globo»), аз с. 1925; «Диа» («O Dia»), аз с. 1951; «Диариу ди нотисиас» («Diário de Noticias»), аз с. 1930; «Жорнал ду Бразил» («Jornal do Brasil»), аз с. 1891. Дар Сан-Паулу: «Диариу ди Сан-Паулу» («Diário de Sao-Paulo»), аз с. 1929; «Эстаду ди Сан-Паулу» («O Estado de Sao-Paulo»), аз с. 1875.

Агентии расмии ахборот: Аженсия Насионал, с. 1934 таъсис ёфтааст. Радио аз с. 1921, телевизион аз с. 1952 кор мекунад. Дар Б. 396 радиостанция ва 52 станцияи телевизион мавҷуд аст.

Адабиёт. Адабиёти Б. ба забони португалӣ дар а-ҳои 16—17 ба миён омадааст (рисола ва мактубҳои миссионерони иезуит). Дар суруду афсонаҳои фольклорӣ се навъи шеър — португалӣ, зангӣ ва ҳиндуӣ ба ҳам омехтаанд. Назми Б. равияи бароккои португалиро то миёнаҳои а. 18 нигоҳ дошт, дар нимаи 2-юми а. 18 маорифпарварии бразилӣ (шоирон Ж. Б. да Гама ва Ж. ди Санта-Рита Дурана) ва классицизми бразилӣ (шоирон Т. А. Гонзага ва К. М. да Коста) ба вуҷуд омад.

Ба даст овардани истиқлоли миллӣ (1822) боиси равнақи маданият гардид. С-ҳои 30—70-уми а. 19 дар Б. романтизм васеъ ҷорӣ шуд. Хусусияти асосии он аз мавзӯъ ва забони хос, тасвири шоиронаи табиат ва таърихи миллӣ иборат буд. Дар дохили романтизм ҳиндуизм ном ҷараёни калоне низ мавҷуд буд, ки пайравони он ҳиндуро ба сифати қаҳрамон тасвир мекарданд (назми А. Гонсалвис Диас, романҳои Ж. М. ди Аленкар ва Б. Гимараинс). Пешрафти ҷамъият назми А. Кастру Алвисро ба миён овард, ки пур аз пафосҳои граждани, гоҳҳои республикаҳоҳӣ ва аболиционисти мебошад. Романҳои Ж. М. ди Маседу, мазҳакаи Л. К. Мартинс Пена ва романи М. А. ди Алмейда «Ёддоштҳои сержанти полиция» аз қабили асарҳои нависандагони ҷараёни романтизманд. Дар зери таъсири эҳодиёти Э. Золя мактаби натуралистӣ (Э. Инглес ди Соза, Ж. С. Рибейру ва А. Каминья) ба миён омад. Беҳтарин романҳои иҷтимоии сарвари ин мактаб Алуизиу Азеведу боиси пойдоршавии методи реалистӣ гардиданд. Ж. М. Машаду д'Асис устоди бузурги реализми танқидӣ буд. Дар а-ҳои 19—20 ҳикояҳои «регионалистон» пайдо шуд, ки табиати ноҳияҳои гуногуни мамлакат ва хулқу атвори мардуми онро тараннум мекарданд (А. Аринус ди Меду Франку ва Ж. Симоинс Лопис Нету). Дар насри с-ҳои 30-юм мактаби реалистӣ мавқеи намоён дошта ва он масъалаҳои асосии ҳаёт ва неш аз ҳама проблемаҳои Шимоли Шарқро тасвир менамуд. «Романи шимоли шарқ» қуллаи реализми Б. ба шумор меравад (Г. Рамус, Ж. Монс, ду Регу, Ж. Амаду ва Р. ди Кейрус). Ж. Гимараинс Роза анъанаҳои регионалистиро давом дода, онро мукаммал кард. М. А. Баррозу, А. Наим, Д. Журандир ва диг. саъю кушиш доранд бо усули реализми социалистӣ, ки бузургтарин намояндаи он дар адабиёти Бразилия Ж. Амаду мебошад, асарҳо офаранд. Драматургияи ҳозираи Б. инкишоф ёфтааст. Дар асарҳои насли калонсоли драматургон (Нелсон Родригис, Г. Фигейреду, П. Блох, Ж. Комаргу) шартнит, киноя ва таҳлили психологии фрейдистӣ бисьёр аст. Драматургҳои чавон (А. Диас Гомис, А. Суасуна ва А. Боал) дар асарҳои худ ба театри амалии халқӣ рӯ овардаанд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Аз осори маданияти қадимии ҳиндуҳои Б. нақшҳои рӯи санг ва ҳайкалу муҷассамаҳои сангӣ дар ноҳияи Амазонка боқӣ мондааст. Баробари омадани португалиҳо (а. 16) шаҳрҳо, работҳо пайдо шуда, дар а. 18 меъмории дилкаши бароккои бразили (меъморон М. Ф. ди Лисбоа ва писари ӯ Алейжадиньо) ба вуҷуд омад. Дар а. 19 ва аввалҳои а. 20 дар шаҳрҳо биноҳои сернақшу нигор сохта шуданд. Аз охири с-ҳои 30-юм дар Б. яке аз муҳимтарин равияҳои санъати меъмории замони ҳозира (Л. Коста, О. Нимейер, А. Э. Рейди ва Р. Бурле Маркс) ба вуҷуд омад. Дар санъати рассомии а. 20 баробари образҳои барчастаи халқи (К. Портинари, Э. ди Кавальканти), расмҳои зебои фольклори (Тарсила ду Амарал, Ҷанира), графикаи иҷтимоӣ (О. Гозлди, К. Склиар, Р. Кап ва диг.) ҷараёнҳои модернистӣ низ ривоҷ ёфтаанд.

Мусиқӣ. Мусиқии бразили як навъ омехтаи унсурҳои мусиқии европоӣ (асосан португали), африкоӣ ва ҳиндуӣ мебошад. Раксу сурудҳои халқӣ дар Б. машҳуранд. Яке аз аввалин бастакорони бразил Ж. Н. Гарсиа буд. Бастакорони намоёни нимаи 2-юми а. 19 эҷодкунандаи оперои миллӣ К. Гомис ва яке аз асосгузорони мактаби мусиқии миллӣ А. Непомусену мебошанд. Ба инкишофи мусиқии миллии Б. дар а. 20 Э. Вила Лобос ҳиссаи калон гузоштааст. О. Л. Фернандис, Ф. Миньоне, М. К. Гаурньери ва диг. аз ҷумлаи бастакороне мебошанд, ки равияи миллиро дар мусиқии Б. ҳимоя менамоянд. Маркази мусиқии Б. (театрҳои опера, оркестрҳои симфонӣ, ансамблҳои хор, консерватория, мактабҳои мусиқӣ ва г.) асосан дар ду ш — Рио-де-Жанейро ва Сан-Паулу ҷой гирифтааст.

Ад.: Лукашова Е. Н. Южная Америка, М., 1958; Очерки истории Бразилии, М., 1962; Бразилия. Экономика. Политика. Культура, М., 1963; Гонионский С. А., Очерки новейшей истории стран Латинской Америки, М., 1964; Полевой В. М., Искусство стран Латинской Америки, М., 1967.

БРАЗИЛИЯ (Brasília), шаҳр, пойтахти Бразилия (расман аз 1960). Дар паҳнкӯҳи Бразилия, дар баландии 1172 м аз с. б. воқеъ аст. Аҳол. 890 ҳаз. нафар. (1975). Ҳарорати миёнаи январ 19° С, тобистон 22° С. Ст. р. о., узели роҳҳои автомобильгард. Аэропорташ аҳамияти байналхалқӣ дорад. Б. танҳо маркази маъмурӣ буда, корхонаҳои саноати надорад. Дар



Бразилия. Эспланадае, ки ба назди бинои Конгресси миллӣ ва майдони Се ҳокимиятҳо мебарад

асоси моддаи махсуси Конституцияи Бразилия, ки пойтахтро ба марказҳои мамлакат кучонидан лозим буд, с. 1957 бунёди шаҳр оғоз ёфт. 22 апр. 1960 пойтахти давлат аз Рио-де-Жанейро ба Б. кучонида шуд. Дар Б. биноҳои давлатиро ва ҷамъиятиро (қароргоҳи президент, конгресси Милли, Суди олӣ, вазоратҳо), студияҳои телевизион ва радиошунавонӣ мавҷуданд.

БРАЗИЛИҲО, миллат, аҳолии асосии Бразилия. Тақрибан 103 млн (1975). Ба забони португали гап мезананд. Диндорон католиканд. Б а-ҳои 16—20 дар натиҷаи омеҳтиши португалиҳо бо ҳиндуёни маҳаллӣ (гурухи қабилаҳои тупи гуарани, же ва диг.) ва қабилаҳои дар а-ҳои 16—19 аз Африка ҳамчун гулом овардашуда (иоруба, банту, эве, ашанти, хауса ва г.) ташаккул ёфтаанд. Миёнаи а. 19 ба Бразилия инчунин гурӯҳҳои италиявиҳо, испаниҳо, полякҳо ва дигарон, а. 20 японҳо омада, тадричан бо аҳолии маҳаллӣ омехта шудаанд. Дар маданияти Б. и ҳозира

дар шимоли мамлакат бисёр унсурҳои маданияти ҳиндуён, дар шим. шарқ унсурҳои маданияти африкоиҳо, дар ҷануб асосан унсурҳои маданияти европоиҳо ҳукмфармост. Рочеҳ ба таърих, хочагӣ ва маданияти Б. нигр. низ *Бразилия*.

БРАКТЕАТ, як навъ асбоби зинат, ки аз фулузи ранга (зар, омехтаи симу зар) сохта мешуд. Одатан як тарафи Б. дорои нақши таснир, баъзан ҳатибаи махсус буда, ба шакли тангаи сохта мешуд. Аз Осиёи Миёна ҳамаги 11 дона Б. (аз Панҷикент 4 дона, аз Шаҳристон — 3, аз Самарқанд — 1, аз Киргизистон 3 дона) ёфт шуда аст ва ҳамаи ин ҳоҳ 6—7 мансубанд.

У. Пулодов

БРАНД (Brand) Винс (тав. 9. 5. 19. 1. Лонгмонт, шт. Колорадо), астронавти амрикоӣ, детчики ҳарбии Сарҷиштари самолёту вертолётҳо. С. 1966 дар Ун-ти Колорадо унвони бакалаври астронавтика, 1968 дар Ун-ти Калифорния унвони магистри идораи истеҳсолотро соҳиб шуд. Аз с. 1966 дар отряди астронавтҳои ШМА меҳнат шуд. 16 июли 1975 якҷоя бо *Т. Стаффорд* экипажи киштиї ва Д. *Слейтон* (бортинженер) ба сифати пилоти киштиї парвозҳои «Аполлон» дар парвозҳои ноҳияи «*Союз — Аполлон*» иштирок кард.

БРАНДЕНБУРГ (Brandenburg), шаҳр дар Республикаи Демократии Германия дар ноҳияи Потсдам. Бандари д. Хафел (шохобаи Элба). Ба ҳисоби аҳолӣ Шаҳрҳо бо ҷойи Хафел (Элба) ҷойгиршуда аст. Ҳалқаи муҳими нақлиёт. Аҳол. 90 ҳаз. нафар (1970). Саноати металлургия, истеҳсоли воситаҳои нақлиёт, металли трактор, сохтмонӣ, химия, чӯбӣ, коғаз, бофандагӣ ва ҳунармандиро дорад.

БРАТИСЛАВА (Bratislava), шаҳр дар Чехословакия, пойтахти Республикаи Словакистон Словакия. Марказ ва маданиятӣ ҳаёти Словакия ва маданиятӣ Ҳаёти Словакия ва бандари дарёї. Аҳол. 291 ҳаз. нафар (1970). Б. — аз марказҳои муҳими саноати ҳаҷмӣ (ҷаҳз, ҳунҳо, ҳаҷмҳо, сулфат, нурҳои фосфор, маҳсулоти резинӣ ва нефтї, химия, ҳаҷмӣ, ҳаҷмҳо). Ба ин ҷиҳат Б. ба ҳамтои нефтеҳои ҷ. «Дружба» аз СССР нефт меҳад. Мошинсозии дақиқ, дастгоҳсозӣ, саноати ҳаҷмӣ, электротехника, сохтмонӣ, саноати ҳаҷмӣ, бофандагӣ, ҳунармандиро, ҳаҷмӣ, ҳаҷмҳо, ҳаҷмҳо, ҳаҷмҳо. АФ Словакия (аз 1953), ун-ти (1919), ва ҳаҷмҳо, ҳаҷмҳо, ҳаҷмҳо,

БРЕЖНЕВ Леонид Ильич (тав. 19. 12. 1906, деҳаи Каменское, ҳоло ш. Днепродзержинск), арбоби Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ, ҳаракати байналхалқии коммунисти ва коргарӣ, Котиби Генералии КМ КПСС, Раиси Президиуми Совети Олии СССР, аъзои Бюрои Сиёсии КМ КПСС. Аъзои КПСС аз с. 1931. Аз оилаи коргари металлург. Аз 15-солагӣ ба кор шурӯъ карда, с. 1927 Техникуми заминсозию мелиорацияи Курскро хатм намуда, дар р-ни Кохановои округи Оршански РССБ заминсоз, дар губ. Курск ва Урал мудири шӯъбаи заминсозии район ва ҷонишини раиси Комитети ичроияи р-ни Бисерть, ҷонишини якуми сардори Управлениями замини вил. Урал шуда кор кард. Баъди хатми Ин-ти металлургии Днепродзержинск (1935) инженери з-ди металлургӣ шуд. Маи 1937 ҷонишини раиси Комичроияи ш. Днепродзержинск, маи 1938 мудири шӯъба ва февр. 1939 котиби Комитети партиявии вил. Днепропетровски Украина гардид.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷонишини сардори Управлениями сиёсии Фронти Ҷанубӣ, сардори Шӯъбаи сиёсии Армияи 18-ум, сардори Управлениями сиёсии Фронти 4-уми Украина шуда, корҳои бузурги ташкилию сиёсиро ичро кард. С. 1943 ба ӯ унвони генерал-майор дода шуд. Дар муҳорибаҳои Кавказ, соҳили Баҳри Сиёҳ, Крим, Украина, инчунин дар озод кардани халқҳои Чехословакия, Польша, Венгрия иштирок намуд. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ с. 1946 котиби якуми Комитети партиявии вил. Запорожия, 1947 котиби якуми Комитети партиявии вил. Днепропетровск интихоб шуд.

Июли 1950 Л. И. Брежнев котиби якуми КМ ПК Молдавия, дар Съезди 19 партия аъзои КМ, дар Пленуми КМ (1952) номзади аъзоии Президиум ва котиби КМ КПСС интихоб шуд.

Аз марти 1953 то февр. 1954 дар рутбаи генерал-лейтенант ҷонишини сардори Саруправлениями сиёсии Армияи Советӣ ва Флоти Ҳарбии Баҳрӣ буд. Дар даврае, ки партия бо мақсади инкишоф додани х. қ. аз худ кардани заминҳои навкорамро шурӯъ намуд, КМ КПСС ӯро ба Қазоқистон фиристод. Февр. 1954 котиби дуюм ва авг. 1955 котиби якуми КМ ПК Қаз. интихоб шуд. Дар Съезди 20-уми партия аъзои КМ КПСС, дар Пленуми КМ КПСС (февр. 1956) номзади аъзоии Президиум, котиби КМ КПСС ва ҷонишини раиси Бюрои КМ КПСС оид ба РСФСР (1958) интихоб шуд. Аз июни 1957 аъзои Президиуми КМ КПСС. Дар Сессияи 5-уми Совети Олии СССР даъвати 5-ум (маи 1960) Раиси Президиуми Совети Олии СССР интихоб шуда, то июни 1964 кор кард. Дар баробари ҳамин котиби КМ КПСС (аз июни 1963) буд. Дар ин давр дар такмили аппарати давлат,

инкишофи демократияи социалистӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, амалӣ кардани сиёсати беруниии ленинӣ корҳои бузургеро ба ҷо овард.

Пленуми октябрии (1964) КМ КПСС иродаи матини партияро роҷеъ ба қатъияи риоя кардан ва инкишоф додани нормаҳои ленинии ҳаёти партиявӣ ва принципҳои роҳбарӣ ифода намуда, ӯро котиби якуми КМ КПСС интихоб кард. Нояб. 1964 ӯро раиси Бюрои КМ КПСС оид ба РСФСР тасдиқ карданд. Дар съездҳои 23—25-уми КПСС аъзои Бюрои Сиёсии КМ ва дар пленумҳои КМ КПСС, ки баъди ин съездҳо баргузор гардидаанд, мунтазам Котиби Генералии КМ КПСС интихоб шуд.

Л. И. Брежнев дар ичрои вазифаи Котиби Генералии КМ КПСС ҳудро ҳамчун арбоби сиёсии типи ленинӣ нишон дод. Ӯ таҷрибаи бои ҳаёти ва истеъдоди калони ташкилотчиги дошта, дар мустаҳкам намудани партия ва Давлати Совети суботкорона хизмат мекунад. Дар ин солҳо КМ КПСС бо иштироки бевоситаи Л. И. Брежнев барои инкишофи нормаҳои ленинии сохтмони партия ва давлат, амалан ичро намудани принципҳои кори коллективона, беҳтар кардани роҳбарӣ ба ҳоҷагии халқ, пешрафти минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат, боз ҳам беҳтар шудани некуаҳволии меҳнаткашон, мустаҳкам шудани дӯстии халқҳо ва иқтидори мудофиавии Давлати Совети тадбирҳои ҳеле муҳим ба амал баровард. Ӯ дар инкишофи алоқаҳои байналхалқии СССР, мустаҳкам шудани системаи ҷаҳонии социализм, муборизаи рохи дӯстӣ ва сулҳи байни халқҳо, интиҳоди ҳаракати байналхалқии коммунистӣ ва коргарӣ, мустаҳкам гардидани риштаҳои ҳамраъйии революционии меҳнаткашони ҳамаи мамлакатҳо хизматҳои зиёд ва шоёни таҳсин карда, дар тайёрӣ ва гузаронидани Маҷлиси байналхалқии партияҳои коммунисти ва коргари дар Москва (июни 1969) саҳми калон гузошт.

Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 3—9), аъзои Президиуми Совети Олии СССР (аз с. 1965). Сессияи шашуми Совети Олии СССР даъвати нӯҳум (1977) Л. И. Брежневро Раиси Президиуми Совети Олии СССР интихоб намуд. Июни 1961 барои хизматҳои барчаста дар тараққиёти техникаи ракетӣ ва таъмини бомуваффақияти ба кайҳон парвоз намудани одами советӣ бо киштии «Восток» ба ӯ унвони Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ дода шуд. С. 1966 барои хизматҳои барчастааш дар назди Партияи Коммунисти ва Ҳукумати Советӣ, мустаҳкам кардани иқтидори мудофиавии мамлакат ва хизматҳои шоистааш дар муборизаи зидди фашизми Германия дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) ва ба муносибати 60-солагии таваллудаш ба ӯ унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ дода шуд. С. 1973 барои хизматҳои барчастааш дар муборизаи роҳи мусоҳиза ва мустаҳкам кардани сулҳ бо Мукофоти байналхалқии ленинии «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» сарфароз гардонида шуд. Дар Маҷлиси машваратии оид ба бехатарӣ ва ҳамкорӣ дар Европа (Хельсинки, июли 1975) ва Конференцияи партияҳои коммунистӣ ва коргарии Европа дар Берлин (июли 1976) ба ҳайати вакилони партиявию давлатии Иттифоқи Совети роҳбарӣ карда, дар таҳия, тасдиқ ва ичрои қарорҳои онҳо ҳиссаи калон гузошт. Раиси Совети мудофиаи СССР аст. Маи 1976 ба Л. И. Брежнев унвони Маршали Иттифоқи Совети дода шуд.

Л. И. Брежнев 1 сент. 1970 ба Тоҷикистон омада, бо ҳаёти республика, аз ҷумла рафти сохтмони ГЭС-и Норак шинос шуд. 3 сент. дар маҷ

Л. И. Брежнев дар сохтмони ГЭС-и Норак (сент. 1970)

лиси фаъолони партиявии республика дар борои аҳамияти бузурги сохтмони энергетикӣ ва гидротехникии Тоҷикистон, захираҳои калони республика, беҳтар кардани шароити маданию маишии меҳнаткашони Тоҷикистон сухан ронд. Ба Тоҷикистон омадани Л. И. Брежнев, вохӯриҳои ӯ бо роҳбарони меҳнаткашони республика ба халқи тоҷик рӯҳбаландии бузурги меҳнатӣ бахшид ва маслиҳатҳои ӯ дар пешрафти минбаъдаи хоҷагии халқи республика кӯмаки амалӣ расонд. Совети умумиҷаҳонии Сулҳ ӯро бо «Медали тиллои сулҳ»-и ба номи Жолио-Кюри сарфароз гардонд. С. 1976 барои хизматҳои бузургаш дар назди Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ, дар сохтмони коммунистӣ, барои мустаҳкам намудани сулҳу амнияти байни халқҳо, барои саҳми шоистааш дар ғалаба бар фашистони немис дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, мустаҳкам намудани иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии Иттифоқи Советӣ ва ба муносибати 70-солагии рӯзи таваллудаш бо Медали дуюми «Ситораи тилло»-и Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мукофотонида шуд. 14 апр. 1977 ба Л. И. Брежнев мукофоти олии комсомоли ленинӣ—Нишони Фахрии Тиллои ВЛКСМ дода шуд. Ду карат Қаҳрамони Республикаи Социалистии Чехословакия, ду карат Қаҳрамони Халқии Республикаи Халқии Булғория, Қаҳрамони Республикаи Демократии Германия, Қаҳрамони Республикаи Халқии Муғулистон мебошад. Бо 5 ордени Ленин, ордени Ғалаба, 2 ордени Байраки Сурх, орденҳои Богдан Хмельницкий, Ситораи Сурх, медальҳо ва Яроки Фахрии дорои тасвири заррини Герби Давлатии СССР, инчунин орденҳои республикаҳои Куба, Польша, Муғулистон, Булғория, Чехословакия, Румыния, Югославия, РДГ, РХДҚ, Республикаи Финляндия ва медали тиллои Ҷамъияти Перу, медали тиллои ба номи Карл Маркси АФ СССР мукофотонида шудааст.

Ас.: Бо роҳи Ленин, ч. 1—5, Д., 1970—77; Замини хурд, Д., 1978.

Ад.: Леонид Ильич Брежнев. Очерки мухтасари тарҷимаи ҳол, Д., 1977.

БРЕЗЕ́НТ (голл. presenning), як навъ матои ғафс, ки аз нахи загирпоя ё пахта тайёр карда мешавад. Нахҳоеро, ки аз он Б. тайёр мекунанд, моддаҳои махсус меҷаббонанд, то намногузар ва бадошт шаванд.

БРЕ́КЧИЯ (итал. breccia — порашавӣ), ҷинси кӯҳие, ки аз омезиш ва ба ҳам часпидани ҷинсоҳои қирадор (андозаашон аз 1 см зиёд) ва моддаҳои цементӣ ба вуҷуд меояд. Б. таркибан якҷинсаю гуногунҷинса ва аз ҷиҳати пайдоиш таҳшинӣ, вулқонӣ ва тектоникӣ мешавад.

БРЕ́МЕН (Bremen), шаҳр, маркази маъмурии музофоти Бремени Республикаи Федеративии Германия. Дар ҳарду соҳили д. Везер, 133 км болотар аз резишгоҳи он воқеъ аст. Аҳол. 607 ҳаз. наф. (1970). Б. узели калони р. о. ва автомобильгард, аэропорт дорад. Яке аз бандарҳои калонтарини дарьёӣ ва баҳрии мамлакат. Б. з-дҳои авиационӣ, металлургияи сиёҳ, истеҳсоли маҳсулоти нефть, корхонаҳои саноати киштисозӣ, автомобильсозӣ, мошинсозии умумӣ, электротехникӣ, бофандагӣ, хӯрокворӣ дорад. Ин-тҳои инженерӣ, педагогӣ, мактабҳои баҳрнавардӣ ва сохтмон ҳаст. Осори меъмории а-ҳои 11—17 боқӣ мондааст. Б. аввалин бор дар маъхазҳои охири а. 8 зикр шудааст.

БРЕ́МСБЕРГ (нем. Bremsberg, аз brems—тормоз ва berg—кӯҳ), 1) таҷҳизоти борфурорӣ бо рельси нишеб. Ду нӯги симтаноби Б. ба вагончаҳо пайваст буда, аз ғарғараи тормоздор мегузарад. Вақте ки як гурӯҳ вагончаҳои пурбор бо таъсири қувваи вазнинӣ поён мефурояд, гурӯҳи вагончаҳои бебор боло мебароянд. Б. дар сохтмон, кӯҳканӣ ва чӯбкоркунӣ истифода мешавад; 2) иншооти зеризаминии нишеб дар коркарди маъдан, ки ба рӯи Замин баромадгоҳ надорад ва барои аз табақаи боло ба поён бо ёрии таҷҳизоти механикӣ фуровардани маъдан хизмат мекунад.

БРЕСТ, шаҳр, маркази вил. Брести РССБ. Дар соҳили рости д. Мухавец, назди резишгоҳи он ба д. Буг воқеъ аст. Узели калони р. о. ва шоссе, бандари дарьёӣ. Аҳол. 167 ҳаз. наф. (1977). Маркази саноат ва маданият. Дар иқтисодиёти шаҳр саноати асбобсозӣ (з-дҳои лампаи электрикӣ, аппаратураи газ, асбобҳои электрченкунӣ), сабук (комб. қолинбофӣ, ф-каҳои пойафзол, ҷуроб, дӯзандагӣ, трикотаж), хӯрокворӣ (комб-ҳои гӯшт, орд, пивою вино, з-ди шир) мавқеи муҳим дорад. Ф-каи мебель, з-дҳои маснуоти оҳану бетонӣ, хишт ва ғ. низ мавҷуданд. Дар Б. ин-тҳои педагогӣ, инженерони сохтмон, техникумҳои нақлиёти р. о., сохтмон, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, мусиқӣ, театри драма, Музеи муҳофизати қалъаи Брест, музеи кишваршиносӣ ҳаст.

Шаҳр аз а. 11 маълум аст. С. 1795 ба Россия ҳамроҳ шуд. Аз дек. 1917 то марти 1918 дар Б. байни Россияи Советӣ ва Германия оид ба сулҳ гуфтушунид шуд (ниг. *Сулҳи Брест*). С. 1919 шаҳрро полякҳои сафед ишғол намуданд. С. 1939 баъди муттаҳид шудани Белоруссияи Ғарбӣ бо РССБ ба ҳайати СССР дохил шуд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) Б. бо муҳофизати қаҳрамононаи қалъаи Брест машҳур гашт. Ба қалъа 8 маи 1965 номи «Қалъаи қаҳрамон» дода шуд. Баъди ғалабаи Армияи Советӣ бар Германияи фашистӣ Б. аз нав обод гардид.

БРЕСТ, вилоят дар ҳайати РССБ. 4. 12. 1939 ташкил ёфтааст. Масоҳ. 32,3 ҳаз. км². Аҳол. 1338 ҳаз. наф. (1977), белорусҳо, русҳо, полякҳо, украинҳо ва диг. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 41,4 наф. Вилоят ба 16 райони маъмурӣ тақсим шуда, 19 шаҳр ва 10 птш дорад. Шаҳрҳои калонаш: Брест, Барановичи, Пинск, Кобрин. Марказаш — ш. Брест.

Рельефаш ҳамвор. Дар Ҷ. ва Ҷ. Ш. пастии васеи ботлоқзори Полесия, дар Шим. ва Шим. Ғ. ҳамвориҳои назди Буг ва Барановичи воқеанд. Сарватҳои зеризаминӣ: торф, масолеҳи бинокорӣ, ангишти бӯр, варақсанги сӯзанда ва ғ. Иқлимаш континентии мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв. аз —4° то —6° С, июль 18°—19° С. Боришоти солона 550—650 мм. Д-ҳои калон: Припять (ҳавзаи Днепр) бо шохобҳояш Стырь, Горынь, Ясельда, Пина ва ғ.; Шара (ҳавз. Неман); Буг (ҳавз. Висла). Кан. Днепру Буг, кӯлҳои калони Выгоново, Чёрное, Спорово воқеанд. Хоки вилоят чимзамини хокистарранги регдор, торфию ботлоқӣ ва аллювиалист. 31,6% терр. вилоят бешазор (асосан дарахтони санавбар, тӯс, ольха, булут, момроз). Қӯруҳҳояш дар бешазори анбӯҳи Веловеж воқеанд. Ҳайвоноташ: зубр, шоҳгавазн, хонгул, гуроз ва ғ.

Соҳаҳои асосии саноаташ: хӯрокворӣ, саноати сабук, мошинсозӣ, коркарди металл, саноати ҷангал, коркарди чӯбу тахта. ГРЭС-и Берёзовск, электростанцияҳои олавии Б., Барановичи, Пинск саноатро аз қувваи электр таъмин менамоянд. Дар наздикии Барановичи ва Ивацевичи торф истеҳсол мекунанд. Корхонаҳои калони саноатиаш: з-дҳои лампаи электрикӣ, аппаратураҳои газ (Брест), з-дҳои таҷҳизоти савдо, қисмҳои дастгоҳ, агрегатҳои автомобиль (Барановичи, Кобрин, Пинск), комб. фанеру мебель, ф-каи мебель (Пинск, Брест, Телехан ва ғ.), комбҳои қолин ва ҷуроббофӣ (Брест, Барановичи, Пинск, Кобрин). Соҳаҳои саноати хӯрокворӣ: гӯшт, шир, консерви сабзавот, қанд. Саноати масолеҳи бинокорӣ низ мавҷуд аст. З-дҳои хатти автоматии Пинск, муҳаррикҳои электрикии Лунинец ба кор даромадаанд. Х. қ. вилоят ба чорводорӣ (барои ширу гӯшт), истеҳсоли лаблабуи қанд, картошка ва катон махсус гардонида шудааст. Дар вилоят 306 к-з ва 85 с-з ҳаст (1974). Фонди умумии заминҳои х. қ. 1390,8 ҳаз. га, аз ҷумла киштбоб 24,3%, алафзор 22,4%, чарогоҳ 24,3%. Майдони ботлоқзори хушконида 448,9 ҳаз. га. Майдони кишт 834,4 ҳаз. га. Зироати лӯбиёӣ, ҷавдор, ғандум, ҷав, сулӣ, хӯроки чорво, картошка, сабзавот, зироатҳои техникӣ кошта мешавад. Дар вилоят (1973, ба ҳисоби ҳаз. сар) гов — 873,5, хук — 572,2, гӯсфанду буз—2,9 буд. Моҳидорӣ, парвариши занбӯри асал ривоҷ ёфтааст. Тӯли р. о. 1050 км; роҳҳои асосиаш: Минск—Брест, Москва—Брест, Гомель—Брест. Тӯли роҳҳои мошингард 3,7 ҳаз. км. Д. Припять, кан.

Днепру Буг ва Мухавец — кишти-гард. Аз терр. вилояти Б. нефтепроводи «Дружба» ва газопроводи Дашава—Минск мегузарад.

Соли хониши 1975/76 вилоят 1562 мактаби таълими умуми, 16 омӯзишгоҳи касбию техники, 18 мактаби миёнаи махсус, 2 мактаби оли (инженерони сохтмон ва педагоги) дошт. Ичунин 1181 китобхонаи оммавӣ, 772 муассисаи маданию маърифатӣ, 8 музеӣ (аз ҷумла Музеи қалъаи қаҳрамони Брест), театри драма мавҷуданд. Газетаи вилоят: «Заря».

В. К. Мозолко.

БРЕХОВСКИХ Леонид Максимович (тав. 6. 5. 1917, деҳаи Стрункино, губ. Архангельск), физики советӣ, акад. АФ СССР (1968; аъзо-корр. 1953), акад.—котиби Шӯъбаи океанология, физикаи атмосфера ва географияи АФ СССР (аз с. 1969), раиси комиссияи океанографии АФ СССР. Аъзои КПСС аз с. 1950. Ун-ти Перм-ро с. 1939 хатм кард. Проф. Ун-ти давлатии Москва (1953). Директори Ин-ти акустика (1954—64). Аввалин асарҳои илмии Б. ба масъалаи паронанипи нурҳои рентгенӣ дар кристаллҳо ва моеот оиданд. Паҳншавии мавҷҳои садої ва электромагнитиро дар муҳитҳои ғайриякҷинса аз ҷиҳати назариявӣ тадқиқ кард, назарияи майдони мавҷии манбаъҳои нуқтагиро дар муҳити қабатҳояш ғайриякҷинса инкишоф дод. Б. паҳншавии фавқулодда дури садоро дар баҳр кашф кард (бо Л. Д. Розенберг, 1946). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1951). Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

БРЕХТ (Brecht) Бертольт (10. 2. 1898, Аусбург — 14. 8. 1956, Берлин), шоир ва драматурги немис. Аз оилаи фабрикант. Дар факультаи тиббии Ун-ти Мюнхен таҳсил кардааст. Дар давраи аввали эҷодиёташ ба экспрессионизм майл дошт («Таблҳои шабҳангом», 1922). Дар ибтидои а. 20 ба ҳаракати коммунисти ҳамроҳ шуд ва муборизаи революционии яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти ӯ гардид (драмаи «Тадбир», 1930). Дар давраи ҳукуматҳои гитлеризм тарки ватан кард. Пьесаи «Модар Кураж ва фарзандони ӯ» (1939, табъаш 1941) аз беҳтарин асарҳои Б. буда, махсусан сурудҳои ӯ («Марши фронти ягона», «Суруди ҳамраъйӣ», ки оҳангаш ба Х. Эйслер таллуқ дорад) ба Б. шуҳрати калон овардаанд. Аз с. 1948 сокини РДГ буд. С. 1949 театри «Ансамбли Берлин» ро ташкил дода, ба он сарвари кард. Б. узви Совети Умумичаҳонии Сулҳ буд. Лауреати Мукофоти миллии РДГ (1949) ва Мукофоти байналхалқии ленинии «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» (1954).

БРЕШКО Абдулғафур (тав. 10. 5. 1907, Кобул), рассом, нависанда ва олими Афғонистон. Аз асосгузорони санъати нави реалистии афғон. Маълумоти миёнаро дар Кобул гирифта, с-ҳои 1923—29 дар Академияи санъати нафисаи Берлин, Мюнхен ва Дрездени Германия таҳсили илм ва баъди ба Афғонистон баргаштан дар вазифаҳои гуногуни ҷамъиятию давлати кор кардааст. Мавзӯи офаридаҳои Б.-ро тасвири тақдиру муборизаи халқи афғон, манзараҳои дилангези ин кишвар ва мардуми он ташкил мекунанд. Дар асарҳои Б. ҷиҳатҳои фалсафӣ барҷастатар зоҳир гардида, олами ботинӣ ва табъу эҳсосоти инсон мукаммал тасвир ёфтааст. Мусаввараҳои «Сарбози шутурсавор», «Духтари рустой», «Арӯсе аз Бомиён», «Ҳоҷару бародар», «Маҳалла» ва монанди инҳо хусусияти этнографӣ доранд. Б. дар «Шамшербозӣ», «Мутрибон», «Кулолон» ва «Мӯздурон» услуби минётурнигории Шаркро бо санъати тасвирии Ғарб омезиш додааст. Мусаввараҳои Б. дар нигористонҳои СССР, ШМА, Япония, Хиндустон, Туркия, Булгория, Миср, Франция, Англия ва г. намоиш дода шудаанд. Б. с. 1972 ба Душанбе низ омада буд.

А. Афсаҳзод.

БРИГАДА (ҳарбӣ) (аз франс. brigade ва итал. brigata — ҷамоат, даста), дар қӯшунҳои хушкигард як навъи иттиҳодияест, ки аз якчанд батальон (дивизион), полк ва ё подразделенияи қӯшунҳои махсус иборат аст. Б. чунин навъҳо дорад: мототирандоз, савора, ракетӣ, танкӣ, артиллерӣ, инженерӣ (саперӣ), десанти ҳавоӣ, аскарони пиёдаи баҳрӣ ва г. Дар ФҲБ Б. аз киштиҳои ҳарбии класси якҳела ташкил карда мешавад. Б. нимаи дуюми а. 16 дар Испания ва аввали а. 18 дар армияи рус пайдо шудааст. Ҳоло Б. дар бисёр армияҳо мавҷуд аст. Дар Армияи Сурх дар давраи Ҷанги граждании (1918—20) дар ҳайати дивизияҳои тирандоз Б.-ҳои сеполкӣ ташкил гардида буданд.

БРИГАДАИ ИСТЕҲСОЛӢ, яке аз шаклҳои бригадавии меҳнат буда, гурӯҳи муайяни коргарони ҳамкасб ё гуногункасбро дарбар мегирад, ки супоришҳои истеҳсолиро якҷоя ичро карда, барои натичаҳои кор масъулияти умуми доранд. Б. и. дар сурате ташкил мешавад, ки ичрои супоришҳои истеҳсоли иштироки якҷояи коргарҳои ҳамкасб ё гуногункасбро талаб кунад.

Б. и. чор навъ мешавад: Б. и-и махсус, комплексӣ, смена ва ҳамакора. Б.-и **махсус** аз коргарони ҳамихтисосе иборат аст, ки корҳои технологии якҳеларо ичро мекунанд. Б. и-и **комплексӣ** аз коргарони гуногунихтисосе ташкил мешавад, ки комплекси корҳои гуногуни технологиро ичро мекунанд. Б. и.-и **смена**ва аз коргарони як смена ва Б. и.-и **ҳамакора** аз коргарони сменаҳои гуногун ташкил меёбад. Шумораи коргарони Б. и. ба ҳаҷми кор, муҳлати ичрои он, дараҷаи механикониё автоматонӣ, меҳнатталабӣ ва ҳосилнокии меҳнат вобаста аст. Ба Б. и. бригадир сардорӣ мекунад, ки аз ҷумлаи коргарони пуртаҷриба таъин мегардад.

БРИГАДАИ МЕҲНАТИ КОММУНИСТӢ, унвони олие, ки ба бригадаҳо — голибони мусобиқаи социалистии меҳнати коммунистӣ дода мешавад. Ӯҳдадории Б. м. к. нишондиҳандаҳоеро аз қабили ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнат, ҷорӣ кардани техникаи нав ва таҷрибаи пешқадам, азхуд намудани назарияи марксистӣ-ленинӣ, баланд бардоштани савияи дониш, маданият, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, рӯҳи

талаботи кодекси ахлоқи бинокорони коммунизм ва ғ дарбар мегирад. Натиҷаи мусобиқа дар маҷлиси коллективҳои цеху участкаҳо муҳокима мешавад. Унвони Б. м. к. ба коллективҳо мувофиқи қарори маҷлиси коргарону хизматчиён, баъди аз тарафи комитети маҳаллии ф-каю з-д тасдиқ шудани он қарор дода мешавад. Б.-ҳои м. к. баъди Съезди 21-уми КПСС (февр. 1959) бо ташаббуси коммунистон ва комсомолони депои локомотиви Москва — Сортировочная ва р. о. Москва — Қазон, ки 10 майи 1919 аввалин шанбегии коммунистиро ташкил карда буданд, пайдо шуд. Б. м. к. ва ҳаракати зарбдорони меҳнати коммунистӣ шакли нави мусобиқаи социалистӣ буда, дар участкаи худ пешрафти техникиро ҷорӣ намуда, ба афзудани ҳосилнокии меҳнат муваффақ мегарданд, барои татбиқи таклифҳои рационализаторӣ кӯшиш мекунанд, усулҳои навро истифода мебаранд, планҳои истеҳсолиро миқдоран ва сифатан барзиёд иҷро карда, ба кам шудани арзиши аслии маҳсулот мекӯшанд, таҷрибаи пешкадамро ба дигарон меомӯзонанд. Дар Тоҷикистон (февр. 1977) ба 75 корхонаю муассиса, 4547 бригада, цех, участка, ферма номи баланди коллективи меҳнати коммунистӣ дода шудааст. Қариб 79 ҳаз. наф. пешқадамон унвони фахрии «Зарбдори меҳнати коммунистӣ» доранд.

БРИГА́ДАИ ХОҲАГӢИ ҚИШЛО́Қ (бригадаи доимии истеҳсолот), шакли асосии ташкили меҳнату истеҳсолот дар к-зу с-зҳо, як гурӯҳи доимии колхозчиёну коргароне, ки кори муайянеро иҷро мекунанд. Б. х. қ. навъҳои соҳавӣ, махсус ва комплексӣ дорад. Бригадаи соҳавӣ якчанд хели маҳсулоти як соҳаи х. қ. (пахтакорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, обчакорӣ ва ғ.)-ро истеҳсол менамояд. Бригадаи махсус истеҳсоли як хели маҳсулот (пахта, шир, заҳир, тамоку ва ғ.) ва корҳои ёрмандиро (бригадаҳои тракторӣ, сохтмонӣ ва ғ.) иҷро мекунад. Бригадаи комплексӣ ба якчанд соҳаи х. қ. хизмат мерасонад. Ба бригадаҳо миқдори муайяни замин, коргар, воситаҳои техникӣ, ҳайвоноти корӣ, иншооти истеҳсолӣ ва ғ.-ро вобаста мекунанд. Шумораи аъзоёни бригада ба андозаи замин, сохти хоҷагӣ, дурию наздикии маҳалҳои аҳолинишин вобаста аст. Аввалин бригадаҳо дар СССР с. 1929 ва дар РСС Тоҷ. с. 1931 ташкил ёфтаанд. С. 1976 дар республика 4716 бригада, аз ҷумла 2715 бригадаи пахтакорӣ, 320 бригадаи ғаллакорӣ, 120 бригадаи сабзавоткорӣ, 224 бригадаи боғдорӣ, 125 бригадаи тамокукорӣ, 312 бригадаи комплексӣ ва ғ. буд. Ба Б. х. қ. бригадир, ки дар маҷлиси умумии колхозчиён пешниҳод ва аз тарафи правлениями к-з ё директори с-з тасдиқ шудааст, роҳбарӣ менамояд.

БРИГАДАҲО́И ИНТЕРНАЦИОНАЛӢ́, дастаҳои интернационалии ихтиёриёни хоричӣ, ки дар Ҷанги миллии революционии республикаи Испания (1936—39) иштирок кардаанд. Аз коммунистон, социалистон, антифашистони 54 мамлакат иборат буданд. Дар муборизаи зидди фашизм 7 Б. и. иштирок кард. Бригадаи якум (бригадаи № 11) охири окт. 1936, бригадаи охирин (№ 129) с. 1937 ташкил шуд. Дар сафҳои Б. и. тахминан 35 ҳаз. наф. ҷангиданд. Батальонҳои Б. и. номи Ҷ. Гарибальди, Э. Тельман, А. Мицкевич, Г. Домбровский, Анри Барбюс, А. Линкольн, Г. Димитров ва дигаронро доштанд. Фаъолияти Б. и. дар муборизаи бар зидди фашизм ба халқи Испания ёрии калон расонида, якдилии қувваҳои демократии байналхалқиро намоиш дод. Окт. 1938 бо қарори ҳукумати республика Б. и. аз Испания бароварда шуданд.

БРИЛЛИА́НТ (франс. brillant — дурахшон, тобон), алмосе, ки он бо тарош ва сайқал шакли махсус гирифтааст. Ниг. ҳиз *Алмос.*

БРИ́СБЕН (Brisbane), шаҳр ва бандар дар шарқи Иттифоқи Австралия, дар назди резишгоҳи д. Брисбен ба хал. Мортон. Маркази маъмурии шт. Квинсленд. Аҳол. 940 ҳаз. наф. (1974, бо атрофаш). Узели р. о., автомобилгард; маркази калони индустрияи мамлакат. Саноати ҳарбӣ, мошинсозӣ (киштӣ, таҷҳизоти р. о. ва ғ.), химия, истеҳсоли маҳсулоти нефть, бофандагӣ, хӯрокворӣ, пойафзол дорад. Ба воситаи бандари Б. ба хорича пашм, гӯшт, ҷанд, ашьёи хоми минералӣ ва ғ. бароварда мешавад. Дар шаҳр ун-т, боғи ботаникӣ, музеи ҳаст. Б. с. 1824 буньёд ёфтааст.

БРИ́СТОЛЬ (Bristol), шаҳр, бандари калон дар ҷан. ғарбии Британияи Кабир (графии Глостершир), дар назди резишгоҳи д. Эйвон ба хал. Бристоль. Аҳол. 426 ҳаз. наф. (1970). Узели р. о. Маркази мошинсозӣ (самолёту ракета ва моторсозӣ), саноати химия, истеҳсоли маҳсулоти нефть, металлургияи ранга. Саноати хӯрокворию пойафзол низ тараққӣ кардааст. Ун-т, ёдгориҳои таърихӣ, музей ва пигористон дорад. Б. тақрибан а. 6 буньёд ёфтааст.

«БРИТА́НИКА», ниг. *Энциклопедияи Британия.*

БРИТА́НИЯИ КАБИ́Р (Great Britain); номи расмиаш — Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ (The United Kingdom of Great Britain and Northern Ireland), давлати ҷазирави дар Ш.-Ғ. Европа; як қисми ҷаз. Ирландия, ҷаз-ҳои Англия, Уайт, Норманд, Оркней, Гебрид, Шетленд ва якчанд ҷаз-ҳои хурдро ишғол кардааст. Онро уқ. Атлантик, Баҳри Шимолӣ, гул. Ла-Манш ва Паде-Кале иҳота кардаанд. Масоҳ. 244,1 ҳаз. км². Аҳол. 55962 ҳаз. наф. (1975). Пойтахташ — Лондон. Б. К. аз ҷиҳати маъмурӣ ба графиҳо ва шаҳрҳои баробарҳуқуқи графӣ тақсим мешавад. Лондони Калон (иборат аз 32 район) воҳиди махсуси маъмурист.

Б. К. ба Иттиҳоде (The Commonwealth) сардорӣ мекунад, ки 34 давлат ба он дохиланд (1974).

Сохти давлатӣ. Б. К. монархияи парламентӣ мебошад. Сардори давлат аз февр. 1952 — малика Елизаветаи II. Ҳокимияти қонунбарор ба шоҳу парламент, ки аз палатаи общинаҳою палатаи лордҳо иборат аст, тааллуқ дорад. Ҳокимияти иҷроияро ҳукумат бо сардории сарвазир ба амал мебарорад. Шоҳ сарвазирро таъин менамояд. Дар Б. К. системаи ягонаи суд вуҷуд надорад. Органи олии марказии судӣ — Суди олӣ. Инстанцияи олии суд палатаи лордҳо мебошад.

Қисми автономии Подшоҳии Муттаҳида — Ирландияи Шимолӣ (Ольстер) то марти 1972 дорои парламент ва палатаи общинаҳо буд. 30 марти 1972 тамоми ҳокимият дар Ольстер ба ихтиёри ҳукумати Лондон гузашт.

Табиат. Б. К. дар қисми наздиатлантикии минтақаи мӯътадили Европа ҷой гирифтааст. Баҳр ба табиат таъсири калон мерасонад. Дар Шотландия, Ирландияи Шимолӣ, Уэльс ва Англияи Шимолӣ кӯҳҳои на чандон баланд ва теппаҳо воқеанд. Дар Ҷ.-и Шотландия к-ҳои Пеннин (к. Кросс-Фелл, 893 м) ва Камберленд (к. Скофелл, 979 м) ҷойгиранд. Нимҷаз. Уэльсро к-ҳои Кембрий (к. Сноудон, 1085 м) ишғол кардаанд. Пастиҳо: Мидленд, ҳавзаи Лондон, Фенн ва ғ. Сарватҳои зеризаминӣ: ангиштсанг, маъдани оҳан, қалъагӣ ва диг. металлҳои ранга, гази табиӣ, намаксанг, каолин. Иқлимаш — уқьёнусӣ, мӯътадил, бориш фаровон буда, бод тез-тез ва бошиддат мевазад. Ҳарор. миёнаи янв. аз 3° то 7° С, баъзан ҳаво то —12° С, —18° С сард мешавад. Дар Лондон соле то 100 рӯз ҳарор. ҳаво аз 0° С паст мешавад. Ҳарорати миёнаи июль 16° — 17° С, боришоти солона 1000—1500 мм, дар баъзе ҷойҳо то 3000 мм, дар ҷан. шарқи Англия 600—750 мм. Абру туман хоси ин кишвар аст. Д-ҳои асосӣ: Темза, Тренти Шимолӣ, Мерсей. Калонтарин кӯлҳо: Лох-Ней, Лох-Ломонд, Лох-Несс. Хокаш бештар хокистарӣ ва ҷангалӣ. Дар ҳамвориҳо растаниҳои дастпарвар, дар минтақаҳои кӯҳӣ ботлоқҳои торфӣ ва марғзорҳо бештаранд. Бешазор қариб 6% хоки мамлакатро ишғол кардааст. Дар Шим. тайга ва бешаи омехта (санавбар, булут ва тӯс), дар Ҷ. бешаи дарахтони булут, моморозу булут ва булуту шамшод воқеъ аст. Ҳайвоноти ҷангалӣ кам аст; рӯбоҳ, заргӯш, санҷоб, хорпушт бештар вомехӯрад. Аз паррандаҳо кабӯтари ёбой, дар Шотландия кабкҳои тундравӣ ва шотландӣ, чилмурғ мавҷу-

1 Қисми шимолии кӯҳҳои Камберленд. 2 Водии д. Северн ва теппаҳои Малверн. 3 Манзаре аз паҳнӣҳои шимоли Шотландия. Дар маҳали соҳили халиҷи Лох-Брум. 4 Кӯли Лох-Ломонд дар Шотландия

дand. Дарёҳо ва кӯлҳо моҳии бисьёр доранд.

Аҳолӣ. Англисҳо 80% (1976); шотландиҳо, уэльсиҳо ва ирландиҳо ақаллияти миллиро ташкил медиҳанд. Қариб $^{9}/_{10}$ қисми аҳолии қобили меҳнат коргарону хизматчиёнанд. Забони давлати — англиси. Аксари динидорон пайрави мазҳаби протестантӣ ва як қисмашон католиканд. Қариб 80% аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад. Бештар аз 91 шаҳри калон дорад. Аз онҳо 3-тоашон дорои бештар аз 1 млн аҳолианд: Лондони Калон — 7,168 млн, Бирмингем — 1,1 млн ва Глазго — 1 млн. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 227 нафр.

Очерки таърихи. Қадимтарин нишонаҳои фаъолияти инсон дар ҳоки Б. К. ба ибтидо ва миёнаи палеолит таллуқ доранд. Дар даврои неолит (ҳазорсолаи 3 — ибтидои ҳазорсолаи 2 то м.) баробари шикор ва моҳигири чорводорию деҳқонӣ машғулияти асосии аҳолӣ буд. Олоти санги такмил ёфт, баъдтар ҷои онро олоти биринҷӣ ва оҳанӣ гирифт, бофандагӣ тараққӣ кард. С-ҳои 800—700 то м. кельтҳо аз материк ба ҳоки Б. К. муҳоҷират карданд ва номи шартии «Бриттҳо»-ро ба худ гирифтанд. Дар байни бриттҳо чорводорӣ ва деҳқонӣ ривоҷ ёфта буд. Рим ба истилои Б. К. аз с. 43 м. шурӯъ кард ва онро охири с-ҳои 60-ум анҷом дод. Британия яке аз музофотҳои капории империяи Рим гардид. Дар миёнаи а. 5 Британияро қабилаҳои Германияи Шимолӣ, ки англо-саксҳо номида мешуданд, забт намуданд. То охири а. 6 англо-саксҳо қисми зиёди Британиро забт намуданд ва якчанд давлати шоҳи ташкил карданд.

Тохтутози нормандҳо (скандинавиҳо), ки охири а. 8 сар шуд, ба сохти ҷамъиятию сиёсии Англия таъсири калон расонд. Онҳо тамоми Ш. Г. мамлакатро забт карда, дар он ҷо урфу одат ва тартиботи ҳудро ҷорӣ намуданд. А. 9 дар аҳли шоҳ Уэссекс Эгберт қисми зиёди мамлакат ба як давлат муттаҳид гардид ва «Англия» номида шуд. С. 1066 Англияро герцоги нормандӣ Вильгельм забт кард ва шоҳи Англия шуд. Пас аз истилои нормандҳо дар А. сохти феодалӣ ташаккул ёфт, ки он хусусиятҳои хоси феодализми Англия — иттиҳоди сиёсии мамлакат ва марказонидани ҳокимияти давлатиро мустаҳкам кард. Ба ҳамин тариқ, дар Англия аз охири а. 11 ва махсусан дар а-ҳои 12—13 монархияи нисбатан муқтадири мутамаркази феодалӣ ба вуҷуд омад. Вале сиёсати ҳокимияти подшоҳи ба манфиатҳои мамлакат мувофиқ набуд. Ин боиси як қатор ошӯбҳои оппозиционӣ, аз ҷумла хуруҷи бароҳо бар зидди Иоанни Безамин гардид. Иоанни маҷбур шуд, ки ба Хартияи бузурги имтиёзҳо имзо (1215) ва ба бароҳо баъзе гузаштҳо кунад. Дар солҳои ҷанги граждании (1263—67) парламенти Англия ташкил ёфт (1265) ва дар Англия мутлақияти феодалӣ ба вуҷуд омад. Парламент дар а. 14 ба ду палата — палатаи боло (палатаи лордҳо) ва палати поён (палатаи община) тақсим шуд. Дар а. 14 муборизаи синфи вусъат ёфта, ошӯбҳои деҳқонон ба шӯриши с. 1381 (Уот Тайлер) мубаддал шуданд, ки хусусияти зиддифеодалӣ доштанд. Дар а. 15 ҳоҷагии калони феодалӣ таназзул кард. С. 1337 ҷанги дуру дарози Англия бо Франция (ҷанги садсола) сар шуд, Англия шикаст хӯрд. С. 1455 ҷанги Гули сурх ва Гули сафед — ду сулолаи ба ҳам зидди Ланкастерҳо ва Йоркҳо ба вуҷуд омад. Дар ин ҷанг, ки то с. 1485 давом кард, ҳар ду сулола барҳам хӯрд. Барои сулолаи нав—Тюдориён (1485—1603) ба сӯи мутлақият роҳ кушода шуд.

Яке аз муҳимтарин марҳалаҳои таърихи Англия — давраи андӯхти ибтидоии капитал мебошад. Дар ин ҷо назар ба мамлакатҳои диг. Европа муносибатҳои капиталистӣ тезтар ривоҷ ёфтанд. Баробари ба роҳи тараққиёти капиталистӣ дохилшавии Англия миллати англис ташаккул ёфт. Замони ҳукмронии Тюдориён ва Стюартҳои аввалин даврои мутлақияти Англия ба ҳисоб меравад, ки вуҷуд доштани парламент аз хусусиятҳои он аст. Муборизаи байни соҳибони тахту тоҷ ва парламент аз аҳди Елизаветаи 1 Тюдор (с-ҳои 1558—1603 ҳукмронӣ кардааст) оғоз ёфта, дар аҳди сулолаи нави Стюартҳо давом кард. Карли I с. 1629 парламентро пароканда сохт ва с. 1640 революция сар шуд, ки дар натиҷаи он дар Англия республика таъсис ёфт (1649). Ҳокимият ба дасти индепендентҳо (қаноти радикалии буржуазия ва дворянҳои нав) гузашт. Республикаи буржуазӣ дере нагузашта шакли протекторат (диктатураи ҳарбии Кромвель) ро (1633) гирифт ва ба истилою ғорати мустамликаҳо шурӯъ кард; Ирландия забт (1649—51), Шотландия зӯраи ҳамроҳ карда шуд (1652). Ошӯбҳои муттасили оммаи халқ буржуазия ва дворянҳои навро тарсонданд ва онҳо маҷбур шуданд, ки с. 1660 дар шахси Карли II Стюарт монархияро барқарор кунанд. С. 1689 Вильгельми III подшоҳи Англия шуд. Рев. буржуазии Англия ба табаддулоти аграрӣ сабаб шуд ва ташкили бозори умумии Англияро тезонд. Мутлақияти феодалии асримиёнагӣ ба мутлақияти буржуазӣ табдил ёфт. Кабинети вазиронӣ, ки дар назди парламент масъул буд, торафт аз итоати шоҳ берун мебаромад. Рақобату гурӯҳбозии парламентии вигҳо (муқобилони шоҳ) ва торӣҳо (тарафдорони шоҳ) асосии системаи дупартиягиро ташкил дод. Б. К. дар ҷанги барои мероси Испания (1701—14) фаъолона иштирок кард, дар ҷангҳои барои мероси Австрия (1741—48) ва ҷанги ҳафтсола (1756—63) иттифоқчиёнро бо пул ва лавозимоти ҳарбӣ таъмин кард. Рев. бузурги Франция ба афзоиши рӯҳияи революционӣ дар Б. К. сабаб шуд.

Б. К. зиёда аз 20 сол, аз февр. 1793 то апр. 1814 ва моҳҳои марту июни 1815, аввал ба муқобили революция



1. Эдинбург. Кучаи Принсес-стрит. 2. Ливерпул. Дар мадди аввал — маҳаллаи маркази, дар чап — корхонаҳои киштисозии Солсбери. 3. Манчестер. Майдони Сент-Питерс-сквер. 4. Белфаст. Майдони Донеголл-плейс. 5. Бирмингем. Хиёбони Чемберлен. 6. Кардифф. Маркази ҷамъиятии Кэтхейс-парк.

ва баъд бар зидди Франсияи наполеонӣ ҷанг кард. Ғалаба дар ҷанги зидди Франсия, муваффақиятҳои табаддулоти саноатӣ асоси саноат, монополияи мустамликавӣ ва тиҷоратии Б. К.-ро гузоштанд. С-ҳои 30—40-уми а. 19 табаддулоти саноатии Б. К. ба анҷом расид. Шумораи коргарон хеле афзуд. Пролетариати Англия ба роҳи муборизаи мустақили сиёсӣ дохил шуд. Ҳаракати коргарони Англия чартизм ном гирифт. Чартистон бори нахуст дар таърих с. 1840 партияи оммавии пролетарӣ — Ассоциацияи миллии чартистиро ташкил карданд. С-ҳои 50—60-ум давраи авҷи капитализми томонополистии Англия буд; Б. К. аз чиҳати дарача ва суръати тараққиёти саноат дар ҷаҳон ба ҷои якум баромад. Дар ин давра дар Б. К. ҳукмронии буржуазияи саноатӣ пойдор гардид ва Партияи либералӣ манфиати онро ифода мекард. Партияи либералӣ дар миёнаи а. 19 дар асоси партияи вигҳо ташкил ёфта буд. Вориси партияи тори — Партияи консервативӣ, ки намояндаи заминдорони калон буда, онҳо бо магнатҳои молиявӣ алоқаи зич доштанд, эътибори худро аз даст дод. С-ҳои 50—60-ум ҳаракати иттифоқҳои касаба зӯр шуд. С. 1868 конгресси тред-юнионҳои Британия таъсис ёфт. Дар Б. К. назар ба мамлакатҳои диг. ташаккули аристократияи коргарӣ пештар сар шуд. Бӯҳрони иқтисодие, ки с. 1857 Б. К.-ро фаро гирифт, боиси авҷи нави ҳаракати коргарӣ гардид. Охири с. 1871 Совети Федералии Британии Интернационал барпо шуд. С-ҳои 70—90-ум дар Б. К. капитализми томонополистӣ ба империализм табдил ёфт. Дар натиҷаи муттаҳидшавии капитали банкӣ бо капитали саноатӣ капитали молиявӣ, олигархияи молиявӣ ба вуҷуд омад. Таъсири аристократияи коргарӣ ва пешвоёни ислоҳотҳоҳи тред-юнионҳо пурзӯр шуд. Корпартоии коргарони корхонаҳои гази Лондон (маи 1889) ва докерҳои Лондон (авг.— сент. 1889), ки бо ғалабаи коргарон анҷом ёфт, ба барпошавии тред-юнионҳои нав оварда расонд.

Б. К. дар соҳаи сиёсати хориҷӣ тарафдори ба ном сиёсати «яккаю танҳо гузоштан» буд, ки барои аз зиддияти байни мамлакатҳои дигар истифода бурдан ва амалӣ шудани нақшаҳои экспансионистӣ бештар имкон медод. Б. К. ба а. 20 ҳамчун давлати аз чиҳати иқтисодӣ мутараққитарин дохил шуд. Вале дар ибтидои а. 20 аз чиҳати суръати тараққиёти истеҳсоли саноатӣ аз Германия ва ШМА ақиб мондани Б. К. торафт аён гашт. Душвориҳои иқтисодӣ боиси бадшавии аҳволи меҳнаткашон, афзоиши бекорӣ мегардид. Бо таъсири бӯҳрони иқтисодии с. 1907 ва Рев. 1905—07 Россия дар Б. К. ҳаракати оммавии корпартоӣ вусъат ёфта, иттифоқҳои касаба босуръат меафзуданд. С. 1900 намояндагони тред-юнионҳо, советҳои иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои социалистӣ ва Партияи мустақили коргарӣ Партияи лейбористиро ташкил карданд (то 1906 ин партия Комитети намояндагии коргарон ном дошт).

Ҷанги якуми ҷаҳонии 1914—18 барои Б. К. ҷанги империалистӣ буд. Доираҳои ҳукмрон шароити ҳарбиро ба мақсадҳои маҳдуд кардани озодиҳои буржуазию демократӣ истифода бурданд. Б. К. дар ин ҷанг ҳамчун яке аз давлатҳои ғолиб ба ҳисоб мерафт. Вале ҷанги ҷаҳонӣ ва бӯҳрони умумии капитализм, ки дар рафти ҷанг сар шуда буд, онро хеле суст карданд. Бо таъсири Рев. Каб. Соц. Октябрь дар Б. К. болоравии ҳаракати революционӣ сар шуд ва мавҷи пурзӯри корпартоиҳо, ҳаракати «Аз Россияи Советӣ даст кашед!» ба вуҷуд омад ва с. 1920 барпо шудани Партияи Коммунистии Б. К. шоҳиди он буданд. С. 1924 пешвои Партияи лейбористӣ Ҷ. Р. Макдональд дар таърихи Б. К. нахустин ҳукумати лейбористӣ ташкил кард ва моҳи февр. бо Иттифоқи Советӣ муносибати дипломатӣ муқаррар намуд.

Муносибатҳои Б. К. баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ бо давлатҳои империалистӣ: Америка, Япония ва Франция тезу тунд шуданд. Доираҳои ҳукмрони иртиҷоии Б. К. фикри ба Шарқ, ба муқобили СССР равона кардани таҷовузи Германияи гитлерӣ ва бо ҳамин роҳ суст намудани Германияро пешниҳод карда буданд. Ҳукумати Б. К. с. 1935 ба созишномаи баҳрии Англияю Германия имзо карда, дар амал ба дубора барпошавии флоти ҳарбии баҳрии Германия мадад расонд. Баъди ҳуҷуми Германияи фашистӣ ба Польша (1 сент. 1939) Б. К. ва Франция мувофиқи шартномаи ёрии ҳамдигар, ки бо Польша баста буданд, 3 сент. ба Германия ҷанг эълон карданд. Вале Б. К. ба иттифоқчии худ — Польша ёрии амалӣ нарасонд. 22 июни 1941 баъди ба СССР ҳаҷдшиканона ҳуҷум овардани Германия У. Черчилль изҳор кард, ки Б. К барои ёрӣ расондан ба СССР тайёр аст. 12 июли 1941 дар бораи амалиёти якҷоя дар ҷанги муқобили Германия шартномаи Иттифоқи Советӣ ва Англия, 14 авг. 1941 Хартияи атлантикии Б. К. ва ШМА имзо шуд. 26 маи 1942 Шартномаи Иттифоқи Советӣ ва Англия дар бораи иттифоқ дар ҷанги муқобили Германияи гитлерӣ ва шарикони он дар Европа ва дар бораи ҳамкорию ёрии ҳамдигарӣ баъди ҷанг ба имзо расид. Дар рафти ҷанг бо сардории СССР, ШМА ва Б. К. иттифоқи зиддигитлерӣ ташкил ёфт. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ процесси пароканда шудани системаи мустамликадории империализм авҷ гирифт. Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Б. К., ки яке аз давлатҳои калон-

тарини мустамликадории чаҳон буд, низ шикаст хурд. Муборизаи халқҳои маълум Б. К.-ро мачбур сохт, ки ба тамоми мустамликаҳои худ истиқлол диҳад. Ҳукумати лейбористии Эттли (26 июли 1945 ташкил ёфт) дар солҳои аввали баъди ҷанг маблағгузориро ба саноат зиёд карда, як қатор соҳаҳои иқтисодиётро миллӣ кунонд ва аз ҳисоби давлат таҷдид намуд. Раҳбарони партияи лейбористӣ ва иттифоқҳои касаба тарафдар ба тарафи рост майл мекарданд, ки дар натиҷа байни сиёсати онҳо ва оммаи васеи халқ ихтилофҳо ба вуҷуд омаданд. Дар соҳаи сиёсати хориҷии ҳукумати Эттли иқдоми ба ШМА иттифоқи дар вакти ҷанг бо СССР ба вуҷуд омадаро ҳатъ кард, ба мусаллаҳшавии бошитоб ва «ҷанги сард» ба муқобили СССР ва диг. давлатҳои социалистӣ ибтидо гузошт. Лейбористон дар интихоботи с. 1951 дар парламент аксариятро аз даст доданд. Консерваторҳо ба сари ҳокимият омада, мамлакатро то с. 1964 идора карданд. Ба саноати Британия сар даровардани капитали Америка вусъат ёфт. С. 1963 Б. К. якҷоя бо СССР ва ШМА ба Шартномаи манъи озмоиши яроқи ядрои дар атмосфера, фазои кайҳонӣ ва зери об имзо кард. Окт. 1964 ҳукумати лейбористии Г. Вильсон ба сари ҳокимият омад. Лейбористҳо дар муносибатҳои хориҷи сиёсати консерваторҳоро давом доданд, ба нигоҳ доштани иттифоқи ҳарбию сиёсӣ ба ШМА такья мекарданд. Дар айни замон ҳукумати лейбористии Б. К. барои бехтар кардани муносибат бо СССР кушиш намуд. Дар давраи ҳукумати консервативии Э. Хит, ки с. 1970 ба ҷои лейбористҳо ба сари ҳокимият омад, Англия ба «Бозори умумӣ» дохил шуд (аз 1 янв. 1973).

Окт. 1974 боз ҳукумати лейбористии Вильсон ба сари ҳокимият омад. Сафари Г. Вильсон ба СССР февр. 1975 ва натиҷаи гуфтушунидҳои Иттифоқи Совети ва Англия барои инкишофи минбаъдаи муносибатҳои байни Иттифоқи Совети ва Б. К. асоси мустаҳкаме ба вуҷуд овард. Кувваҳои тараккипарвари Б. К. шартномаю аҳдномаҳои Иттифоқи Советию Англияро дастгири карда, барои сулҳ ва паст кардани шиддати вазъияти байналхалқи фаъолона муборизаи мебаранд.

Партияҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба. Партияи лейбористи. С. 1900 ташкил ёфтааст. Партияи консервативи. С. 1867 дар асоси партияи тори ба вуҷуд омадааст, ки он манфиати капитали калони саноатию молиявӣ, амалдорон ва аристократияи заминдороиро ифода мекунад. Партияи либерали. С. 1877 дар асоси партияи виг ташкил ёфта манфиати буржуазияи миёна ва майда ва қисми зиёиёнро ҳимоя менамояд. Партияи Коммунистии Б. С. 1920 таъсис ёфтааст. Иттифоқҳои касаба (тред-юнионҳо) дар пиёми 1-уми а. 18 ба вуҷуд омадаанд. Иттиҳодияи калонтарини иттифоқҳои касаба: Конгресси Британии тред-юнионҳо (таъсисаш с. 1868) 113 иттифоқи касабаро муттаҳид мекунад. Ба Конфедерацияи Байналхалқии Иттифоқҳои Касабаи озод (МКСП) дохил аст. Конгресси Шотландии тред-юнионҳо (таъсисаш с. 1897), Конгресси Уэльсии тред-юнионҳо (таъсисаш с. 1973). Дар Ирландияи Шимолӣ Партияҳои юнионистӣ, юнионистии демократӣ, Миллатпараст ва Социал-демократии лейбористӣ, Ассоциацияи муборизаи баҳри ҳуқуқҳои граждании, Партияи Альянс, Конгресси Ирландии тред-юнионҳо (таъсисаш с. 1959), Партияи Коммунистии Ирландия, 1933 таъсис ёфтааст, амал мекунанд.

Ҳоҷаги. Б. К. мамлакати ба дараҷаи баланд тараккикардаи индустрӣ буда, дар олами капиталистӣ баъди ШМА, Япония, РФГ ва Франция ҷои 5-умро ишғол мекунад. Ҳоҷагии Б. К. дар шароите ба вуҷуд омад, ки он муддати дуру дароз дар истеҳсолоти саноати ва савдои ҷаҳонӣ мавқеи имтиёзнок ва империяи олими мустамликаи дошт. Баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ 1914—18 ҳиссаи Б. К. дар истеҳсоли саноатии ҷаҳонӣ капиталистӣ аз 15,7% с. 1938 дар с. 1960 то 9,3% ва с. 1970 то 7,1% кам шуд. Аз с.-ҳои 30-ум роли иттиҳодияҳои давлатии монополистӣ афзудан гирифт; онҳо ғайр аз баъзе истеҳсолоти ҳарбӣ соҳаҳои миллишудаи саноатро низ дарбар гирифтанд. Консентрацияи капитал ва истеҳсолот, аз як тараф ба сафарбар кардани маблағу воситаҳо ва ҷорӣ намудани навтарин комьёбиҳои илму техника мадад расонда бошад, аз тарафи дигар, боиси камшавии шумораи шахсони машғули кор ва афзоиши бекорӣ гардид. Саноат дар иқтисоди Б. К. мавқеи калон дошта, қариб 50% маҳсулоти умумии миллӣ ва қариб $^{9}/_{10}$ ҳиссаи экспортро медиҳад. Иқтисодиёти Б. К. дар давраи баъди ҷанг ҳам ба бӯҳронҳо дучор шуд. Бӯҳронҳои саноатӣ бо бӯҳрони валютию молиявӣ омеҳта шуда, тобеияти молиявии Б. К.-ро ба капитали ШМА дучанд зиёд намудаанд. Саноати ангишт яке аз кӯҳнатарин соҳаҳои экспорти Б. К. аст. С-ҳои 1946—47 саноати ангишт, электроэнергетика, наклиёти р. о., с. 1967 металлургияи сиёҳ миллӣ кунонда шуд. Б. К. аз ҳиҷати истеҳсоли ангишт дар ҷаҳон ҷои 4-умро мегирад. Газопроводҳои нав сохта мешаванд. Б. К. дар бобати истеҳсоли гази сунъӣ дар Европаи Ғарбӣ дар ҷои якум меистад. Ангишт асоси энергетика буда, қисми зиёди энергияи электрӣ (86%) ТЭС-ҳо истеҳсол мекунанд. Дар мамлакат аз с-ҳои 30-юм системаи ягонаи электрикии «Грид» кор мекунад. С-ҳои 1956—70 дар Б. К. 11 ст. электрикии атомӣ (СЭА) ба кор даромад. Иқтидори з-дҳои сафкории нефть соле қариб 120 млн т мебошад; з-дҳои асосӣ дар резишгоҳи Темза дар Фоли, дар Уэльси Ҷанубӣ, Мерсисайд, Тиссайд ва Шотландия воқеанд. 90% иқтидори истеҳсоли металлургияи сиёҳ, ки азони 14 ширкати калон буданд, баъди миллӣ шудан ба корпорацияи давлатии «Бритиш стил» муттаҳид гардиданд. Металлургияи ранга қариб тамоман бо ашёи хоми импортӣ кор мекунад. Коркарди металлҳои ранга дар марказҳои калони мошинсозӣ — Бирмингем, Лондони Калон, Ланкашири Ҷ. гирд омадааст. Мошинсози соҳаи асосии индустрия буда, қариб $^{2}/_{5}$ қисми коргарони саноатро дарбар мегирад ва дар тамоми нохияҳо ҷойгир шудааст. Дар соҳаи автомобильсози аз 4 монополияи ҳукмрон 2 монополияи америкоӣ нисфи тамоми автомобильҳоро медиҳад; то $^{2}/_{3}$ қисми автомобиль экспорт мешавад. З-дҳои асосии автомобиль дар Лондони Калон, Бирмингем, Ковентри, Лутон ва Оксфорд воқеанд. Саноати авиация аз ҳиҳати истеҳсоли самолёт дар ҷаҳони капиталистӣ баъд аз ШМА ҷои 2-юмро ишғол мекунад. Қариб $^{2}/_{3}$ қисми маҳсулоти саноати авиационӣ экспорт мешавад. Соҳаҳои кӯҳнаи анъанавии мошинсозӣ наклиёт — киштисозӣ, истеҳсоли локомотив, таҷҳизоти р. о. ҳоло ҳам аҳамияти калон доранд. Саноати электротехника соҳаи нави пешраф буда, аҳамияти он барои экспорт торафт меафзояд ва аз ҳиҳати миқдори коргарон дар ҷои дуюм меистад. Дастгоҳсозӣ маҳсулоти аълосифат диҳад ҳам, худро бо навтарин дастгоҳҳои махсус пурра таъмин карда наметавонад. Саноати химия ба муносибати тараккиёти соҳаҳои синтези химияи нефть асосан ба сафкории нефть такья мекунад. Нохияҳои асосии саноати химия: Ланкашир ва Чешир, Шим. Ш. Англия. Саноати бофандагӣ, ки соҳаи кӯҳнатарини саноат мебошад, аҳамияти пештараашро гум кардааст; маҳсусан истеҳсоли газвори пахтагӣ кам шуд. Саноати матои пашмин, ки бештар ба бозори дохилӣ маҳсулот медод, камтар таназзул кард; нохияи асосии саноати газвори пахтагӣ — Ланкашир, пашмин — Йоркшир аст. Б. К. дорои саноати хӯроквори, пойафзол, дӯзандагӣ, трикотаж ва диг. соҳаҳои саноати сабук мебошад.

Дар х. қ. ҳамагӣ 3,8% аҳолӣ кор мекунад. Истеҳсолоти х. қ. сермаҳсул буда, бештар аз $^{1}/_{2}$ талаботи мамлакатро ба хӯроквори таъмин менамояд. Зиёда аз $^{2}/_{3}$ қисми замин азони заминдорони калон — лендлордҳо буда, онро ба фермерҳо иҷора медиҳанд. С-ҳои 1960—70 процесси мутамарказонии истеҳсолоти х. қ. пурзӯр шуд.

Соҳаи асосии х. қ. чорводорӣ буда, қариб 70% тамоми маҳсулоти умумии х. қ.-ро медиҳад. Чорвои ширдеҳ ва ширу гӯштдеҳ, гӯсфанд, хук ва мурғ мепарваранд. Дар Ҷ. Ш. ва дар баъзе ҷойҳои Ш. гандум, ҷав, лаблабуи қанд, сулӣ ва дар ҳама ҷо картошка мекоранд. Моҳидорӣ ривоҷ дорад.

Дар ҳамлу нақли борҳои дохилӣ ҳиссаи нақлиёти р. о. 22%, нақлиёти автомобилӣ 60%-ро ташкил дод (1968). Ба нақлиёти баҳрӣ 93,1% муомилоти умумии бор (ба ҳисоби т км) рост меояд. Савдои берунӣ ба воситаи бандарҳои зерин сурат мегирад: Лондон, Ливерпуль Манчестер, Глазго, Бристоль, Ҳалл, Ньюкасл. Тӯли р. о. 19 ҳаз. км. Нақлиёти авиационӣ хеле равнақ ёфта, аэропорти Лондон маркази асосии алоқаи ҳавоист. Иқтисодиёти Б. К. ба савдои берунӣ вобаста аст. Бештар аз 90% ашёи хоми саноат, қариб 50% хӯрокворирo аз хорича оварда, сеяки тамоми маҳсулоти коркарди саноатро ба хорича мебарорад. С. 1974 муомилоти мол 39,5 млрд фунт стерлингро ташкил дод. Дар Б. К. Совети Савдо бо Европаи Шарқӣ, аз ҷумла бо СССР барпо шудааст (1967). Маблағгузории Англия дар хорича 19—20 млрд фунт стерлингро ташкил медиҳад (аз он 4,6 млрд дар ШМА). Маблаггузории Америка дар иқтисодиёти Англия мавқеи ҳукмрон дошта, с. 1972 9,5 млрд фунт стерлингро ташкил кард. Воҳиди пул — фунт стерлинг (1 фунт стерлинг = 1,35 сӯм; февр. 1978).

Қувваҳои мусаллаҳ. Қувваҳои мусаллаҳи Б. К. аз қӯшунҳои хушкигард, ҚҲҲ ва ҚҲБ иборатанд. Шумораи умумии онҳо охири с. 1974 342 ҳаз. наф. буд. Сеяки ҳайати шахсӣ дар хорича мебошад. Ғайр аз ин қӯшунҳои территориявӣ ва эҳтиётӣ мавҷуданд (бештар аз 56 ҳаз. наф.). Сарфармондеҳи олӣ шоҳ (малика) буда, роҳбарии олии қувваҳои мусаллаҳро асосан Комитети мудофиа ба амал мебарорад. Б. К. аъзои блоки ҳарбии НАТО ва дигар блокҳои ҳарбӣ мебошад. Қӯшунҳои хушкигард ба армияҳои мунтазам, территориявӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ, ҚҲҲ низ ба ҚҲҲ-и мунтазам ва эҳтиётӣ тақсим мешаванд. ҚҲБ аз флоти ҳарбии баҳрӣ, авиацияи баҳрӣ ва қисмҳои пиёдагарди баҳрӣ иборатанд. Армия бо техникаи ҳарбии истеҳсоли Англия ва Америка мусаллаҳ мебошад. Янв. 1961 ӯҳдадории ҳарбӣ бекор шуд ва қувваҳои мусаллаҳи Британияи Кабир аз ҳисоби ихтиёриён пур мешаванд.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1973 дар Б. К. ба 1000 наф. 16,0 таваллуд, 11,6 фавти умумӣ ва ба 1000 наф. кӯдаки навзод 18,5 фавт рост меомад; дарозии умри мардон ба ҳисоби миёна—69, занон—75 сол. Хизмати давлатии нигаҳдории тандурустӣ аз с. 1948 ба роҳ монда шудааст. С. 1969 дар беморхонаҳои Б. К. 530 ҳаз. кат (9,9 кат ба 1000 наф.) мавҷуд буд. Дар беморхонаҳои Англия палатаю катҳои пулакӣ ҳам мавҷуданд. Шумораи умумии духтурон (1968)—63,1 ҳаз. (1 духтур ба 840 наф.). Дар Б. К. курортҳои Брайтон, Истборн, Богнор-Ричис, Борнмут, Торки, Бат, Бакстон ва якчанд мавзеъҳои табобатӣ мавҷуданд.

Маориф ва муассисаҳои илмӣ. Дар Б. К. барои бачаҳои аз 5 то 16-сола таълими ҳатмии мактабӣ ҷорист. Системаи ҳозираи маорифи халқ аз се зина: ибтидоӣ, миёна ва маълумоти минбаъда иборат аст. Тарбияи томактабӣ дар мактаб-яслиҳо ва синфҳои томактабӣ мегузарад. Хонандагонро баъди хатми мактаби ибтидоӣ дар асоси санҷиш ба се типи нобаробари мактабҳои миёна тақсим мекунанд: қариб 20% хонандагон ба мактаби грамматикӣ, ки мӯҳлати таълимаш 5—7 сол аст, қариб 70% ба мактаби ҳозиразамон, ки мӯҳлати таълимаш 4 ва баъзан 5 сол аст ва қариб 5% хонандагон ба мактаби техникӣ, ки мӯҳлати таълимаш 5 ва баъзан 7 сол аст, меравад. Мактабҳои миёнаи хусусӣ низ бисьёранд. Соли таҳсили 1972/73 дар Б. К. ҳамагӣ қариб 40 ҳаз. мактаби давлатӣ, 9435 ҳаз. хонанда ва 394 ҳаз. муаллим буд. Маълумоти олӣ пулакӣ аст. Соли таҳсили 1972/73 дар Б. К. 45 ун-т (қариб 200 ҳаз. студент), 8 ин-ти политехникӣ ва 48 коллеҷи маълумоти олӣ (390 ҳаз. студент) буд. Калонтарин ун-тҳо: ун-тҳои Лондон (1836), Кембриҷ (1209), Оксфорд (1167), Эдинбург (1583), Уэльс дар Кардифф (1893), Белфаст (1908) мебошанд. Дар солҳои баъди ҷанг якчанд ун-ти нав таъсис ёфт: Ноттингем, Эссекс, Стратклайд ва диг. Калонтарин китобхонаҳо: Китобхонаи Музеи Британия дар Лондон, Китобхонаи Ун-ти Оксфорд, Китобхонаи Ун-ти Кембриҷ, Китобхонаи миллии Уэльс дар Кардифф, Китобхонаи оммавии Ланкашир ва диг. Музейҳои асосӣ: Музеи Британия, Музеи таърихи табиии Британия, Музеи илмӣ, Музеи Лондон, Нигористони миллӣ, Музеи Викторияю Альберт ва диг.

Дар ибтидои а. 20-ум ун-тҳои калони Б. К. лабораторияҳои тадқиқӣ доштанд. С-ҳои 1915—40 ҳукумат ба таъсиси системаи тадқиқоти техникӣ дар саноат кӯшиш кард. Баъди с. 1945 миқдори марказҳои тадқиқӣ хеле афзуд. С. 1969 дар 34 университет ва 11 коллеҷи «техникаи навтарин»-и мамлакат тадқиқоти илмӣ ҳарҷониба давом мекард.

С. 1954 ин-тҳои давлатие ба вуҷуд омаданд, ки проблемаҳои физикаи ядро ва энергетикаро тадқиқ меку-

1. И. Ҷонс. Зиёфатхона (Банкетинг-хаус) дар Лондон. 1619—22. 2. Ч. Вуди Хурдӣ. Майдони Ройял-Кресент дар Бат. 1767—75. 3. Ч. Гиббс. Китобхонаи Рэдклифф дар Оксфорд. 1737—49. 4. К. Рен. Манораи калисои Сент-Мэри-ле-Боу дар Лондон. 1680. 5. А. Уотерхаус. Зинапояи ратуша дар Манчестер. 1868—77. 6. Э. Лаченс. Работи Диперi-гарденс дар Соннинг. 1901. 7. О. Уильямс. Фабрикаи химиявии Бутс дар Бистон. 1930—32. 8. Л. Мартин, Р. Мэтью. Толори мусиқии подшоҳӣ (Ройял-фестивал-ҳолл) дар Лондон. 1949—51.



1540 1541 1542

нанд. Марказҳои илмии микробиология, электроникаи квантӣ, радиоастрономия ташкил шудаанд. Шумораи умумии ходимони илмии Б. К. қариб 400 ҳаз. нафарро ташкил дод (то 1969). С. 1964 Вазорати илм ба Вазорати маориф ва илм табдил дода шуд. Маблағгузорӣ ба инкишофи илм хеле афзуда, аз 3,6 млн фунт стерлинг с. 1939 дар с. 1969 қариб ба 1 млрд фунт стерлинг расид. Зиёда аз нисфи маблағ ба ҳалли масъалаҳое харҷ мешавад, ки аҳамияти харбӣ доранд.

Матбуот, радио, телевизион. С. 1973 дар Б. К. 129 газетаи харрӯзаю якшанбегӣ, 1170 ҳарҳафтаинаи маҳаллӣ ва бештар аз 4 ҳаз. журналу нашриҳои даврӣ чоп мешуд. Газетаҳои тарафдори Партияи консерватив: «Дейли телеграф энд морнинг пост» («The Daily Telegraph and Morning Post» с. 1855 ва «Санди телеграф» («The Sunday Telegraph») с. 1961 таъсис ёфтаанд. Газетаҳои «Дейли миррор» («Daily mirror»), таъсисаш с. 1903, «Санди миррор», («Sunday mirror»), таъсисаш с. 1915 ва диг. тарафдори Партияи лейбористи мебошанд. Мавқеи қаноти чапи партияро газетаи ҳафтаинаи «Трибюн» («Tribune», таъсисаш с. 1937) ифода мекунад. Нашриҳои Партияи коммунисти газетаи «Морнинг стар» («Morning star», таъсисаш с. 1930), ҳафтаинаи «Коммент» («Comment», таъсисаш с. 1921), журнали «Марксизм тудей» («Marxism Today», таъсисаш с. 1957) ва г. Агентиҳои машҳури телеграфии Б. К. Рейтер («Reuter»), Пресс ассошиэйшен («The Press association») ва Эксчейнҷ телеграф («The Exchange Telegraph»). Радиошунавонии мунтазам с. 1922 оғоз ёфт ва аз с. 1927 монополияи Корпорацияи радиошунавонии Британия (Би Би Си) гардид, ки дар зери назорати ҳукумат мебошад. Аз с. 1936 Би Би Си ба намоиши мунтазами программаи телевизионии худ шурӯъ кард.

Адабиёт. Аҷдоди англисҳо — англо-саксҳо киссаю ривоятҳои германиро бо худ оварда буданд; таҳо базъи чорӣ шудани дини насрони рӯҳиёни босавод ба навишта гирифтани достонҳои қадимии қаҳрамонӣ шурӯъ карданд. То миёнаи а. 14 забони умумимиллии англиси ташаккул ёфта, наям ба вучуд омад, ки ҳаёт ва тарзи зиндагии табақаҳои гуногунро инъикос мекард. Синтези маданияти даврӣ феодализми баркамол ва нишонаҳои пешакии даврӣ Эҳьё ба «Ҳикоятҳои Кентерберӣ» (ох. а. 14) — маҷмӯаи киссаҳои манзум ва новеллаҳои Ҷ. Чосер ҳос аст. Барқароршавии мутлақиятӣ Тюдориён ба ривоҷи фаъолияти адаби кӯмак расонд. Робитаҳои нависандагони Англия бо намояндагони гуманизми мамлакатҳои дигар вусъат ёфт. Ибтидои а. 16 Томас Мор — муаллифи «Утопия» ба майдон баромад. Дар ибтидои а. 17 драматургияи даврӣ Эҳьёи Англия ба авҷи аъло расида, драматургияи К. Марло, Р. Грин, Т. Кид ва диг., ки бо номи «мутафаккирони университет» машҳуранд, ба вучуд омад. Фаъолияти онҳо баро У. Шекспири бузург замина тайёр кард. Авҷи эҷодиёти *У. Шекспир* асарҳои фоҷиавии ӯ буданд («Ҳамлет», «Отелло», «Шоҳ Лир», «Макбет» ва диг.). Маорифпарвари ҷараёни асосии идеяҳои а. 18 гардида, дар адабиёт наср нисбат ба назм бартарӣ пайдо намуд, романи буржуазии *Д. Дефо* ба вучуд омад; дар асари у «Робинзон Крузо» симои меҳнаткашӣ боғайрат ва фотеҳи табиат акс шудааст. Дар асари ҳаҷвии *Ҷ. Свифт* «Саёҳати Гулливер» даврӣ аз феодализм ба сохти буржуазӣ гузаштани Англия тасвир шудааст. Даврӣ нави адабиёти Англия с. ҳои 30-юми а. 19 оғоз ёфт. С-ҳои 30—60-ум даврӣ нашъунамои реализми танқиди буд; дар романҳои *Ч. Диккенс, У. М. Теккерей*, Ш. Бронте, Э. Гаскелл тамоми табақаҳои буржуазия ва синфи коргар, ки барои ҳуқуқҳои худ мубориза мебаранд, акс ёфтааст. Намояндагони равияи натуралистии Англия Ҷ. Мур ва Ҷ. Гиссинг пайравони *Э. Золя* буданд. Дар с-ҳои 90-ум даврӣ навтарини адабиёти Англия сар шуд, ки маншаи онро даврӣ кутоҳи *декаданс* ва *символизм* ташкил медод (намояндааш О. Уайлд). Дар пьесаҳои Б. Шоу бемаҳлиятии системаи капиталисти инъикос ёфт ва фикри ба тарзи социалисти дигаргун сохтани ҷамъият пешниҳод шуд. Пьесаҳои *Ҷ. Голсуорси* драмаи реалистии ҳаётиаанд. Дар романҳои ичтимоию фантастикӣ ва фалсафии Х. Ҷ. Уэллс ҷараёни индустрикунонии капиталисти тасвир ёфтааст. Вакили намоёни назми охири а. 19 ва ибтидои а. 20 *Р. Киплинг* мебошад. Баъзи чанти думоми ҷаҳонӣ насли нави романнависон ба майдон омада, кризиси ҷамъияти буржуазии Англияро, ки дар натиҷаи парокандашавии империяи мустамликавии Британия боз ҳам тезу тунд гаштааст, тасвир менамоянд. Муаллифи «Вуҳушҳона» (1945), «Соли 1984» (1949) Ҷ. Оруэлл мавқеи иртиҷоии зиддикоммунистиро ишғол кард. Дар эҷодиёти Г. Грин танқиди ичтимоӣ, психологизми позук ва оҳангҳои моҷарочӯй бо ҳам омезиш ёфтаанд. Китобҳои А. Силлитоу, С. Чаплин, С. Барстоу далели дурахшони навтарин романҳои «коргарӣ» гардиданд. Романҳои *Ҷ. Олдрич* («Дипломат» ва г.) империализми Британияро фош мекунанд. С-ҳои 60-ум насли нави драматургҳо ба майдон омаданд — Д. Мерсер, Г. Ливингс, Ҷ. Ортон, Ҷ. Мортимер, Д. Рудкин.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Дар Б. К. комплексҳои азиму мураккаби мегалитии даврӣ энеолит ва асри биринҷӣ (Стонхенҷ, Эйвбери), кандакории рӯи санг ва маснуоти металлии кельтҳо, пиктҳо, англо-саксҳо маҳфуз мондаанд. Калисоҳои қаламакории халқӣ ва минётураҳои а-ҳои 7—10 боқианд. Ба услуби романӣ (а-ҳои 11—12) ибодатхонаҳои Норич, Уинчестер, Или, ба услуби готика (ох. а. 12 — миёнаи а. 16) иморатҳое хосанд, ки шакли оддӣ, вале нақшу нигори мураккаб доранд (ибодатхонаҳои Кентерберӣ, Линкольн, Солсбери ва диг.). Дар даврӣ Эҳьё (а. 16 — ибт. а. 17) кӯшкҳо ва қасрҳои дорои хонаҳои васеъ ва толорҳо ба вучуд омаданд. Дар а-ҳои 16—17 дар санъати нақкошӣ портрет бартарӣ дошт (Н. Хиллиард, А. Оливер, С. Купер, П. Лели, Г. Неллер, У. Добсон, Ҷ. Райли). Ба инкишофи классицизми Англияи а. 17—аввали а. 19 биноҳои И. Ҷонс ибтидо гузошт. Шаҳру работҳо, боғҳои манзараҳои «англисӣ» бо табъи баланд ва ороиши хуби дохили биноҳо (К. Рен, У. Кент, Р. Адам) буньёд шуданд. Дар а. 18 дар Англия карикатура (У. Ҳогарт, Ҷ. Гилрей, Т. Роулендсон), санъати портретнигорӣ (Ҷ. Рейнолус, Т. Гейнсборо), санъати ороиш (мебель, кулолӣ, шиша, нуқра) нашъунамо ёфт. Дар а. 19 маркази шаҳрҳо дар рӯҳи неоклассика (Р. Смёрк, Х. Элмс) ва неоготика (Ҷ. Бэрри, Ҷ. Г. Скотт) сохта шуда, бо ф-каю кулбаҳои тангу тор иҳота мегардид. Ба вучуд овардани «боғшаҳрҳо» ва «шаҳракҳо», навсозии маҳаллаҳои ҷудогонаи дар а. 20 дар роҳи пешгирии вусъати бесарусомонии шаҳрҳо як кӯшише буд. Намояндагони санъати меъмории муосир Ҷ. Р. Макинтош, О. Уильямс, Ф. Гибберд, А. Линг мебошанд. Дар санъати а. 19 фантастҳо-романтикҳо: график У. Блейк, манзарагирӣ У. Тёрнер, асосгузори манзараи пленэрии реалистӣ Ҷ. Констебл, импрессионистҳо Ҷ. Уистлер, У. Сиккерт мавқеи намоён доранд. Дар а. 20 устодо-

Х. Мур «Оила». Биринҷӣ. 1945—49. Музеи санъати муосир. Нью-Йорк.

1. У. Хогарт «Духтараки харчангфурӯш». Нигористони миллӣ. Лондон. 2. Пояи ҳайкал аз яшм. 1770—80. Музеи Виктория ва Альберт. Лондон. 3. Ч. Рейнолдс. Портрети Ҷен. графхонум Харрингтон. 1777—79. Нигористони Харрингтон. Сан-Марино (ШМА).

ни портрети реалистӣ (О. Ҷон, У. Орпен, ҳайкалтарош Л. Брэдшо) ва графика (Ф. Брэнгвин, П. Ҳогарт) ба майдон омаданд; намояндаи маълуми ҷараёни модернистӣ ҳайкалтарош Х. Мур мебошад.

Мусиқӣ. Мусиқии Б. К. аз маданияти мусиқии қабилаҳои кельт оғоз ёфтааст. Донандаи сурудҳои қадимаи даҳонакии халқӣ бардҳо — ҳофизони халқӣ буданд. Баъди дар Англия ҷорӣ шудани дини насронӣ (нимаи 2-юми а. 7) дар асоси мусиқии халқӣ ва динӣ санъати касбии мусиқӣ инкишоф ёфт. Аз а. 10 суруди дуовоза, аз а. 12 бо таъсири мусиқии халқӣ суруди бисьёровоза инкишоф ёфт. Дар давраи Эҳьё шаклҳои аввалини оркестр пайдо шуда, мадригал (мадҳияи кӯтоҳи лирикӣ) оммавӣ гардид. Бастакори бузурги а. 17 Г. Пёрселл мусиқии миллии театри Англияро эҷод кард. Оратория ва операҳои Г. Ф. Гендель, ки ба сюжетҳои атиқӣ, таърихӣ ва Таврот асос ёфта, ҷамъбасти анъанаҳои маданияти қадимаи хори Англия буданд, ба озод шудани маданияти операвии Б. К. аз таъсири операи италиявӣ мусоидат намуданд. Охири а. 18 дар Лондон И. К. Бах (писари И. С. Бах), Й. Гайдн, М. Клементи эҷод мекарданд. Дар а. 19 Лондон яке аз марказҳои маданияти мусиқии Европа гардид. Дар ин ҷо бузургтарин бастакорон ва мутрибони он замон баромад мекарданд. Аз байни коллективҳои ичрокунандаи ибтидои а. 20 инҳо машҳуранд: оркестрҳои филармонӣ ва симфонии Лондон, оркестри симфонии Би-Би-Си, оркестри Манчестер. Дар с-ҳои 60-ум «поп-музыка» ном мусиқии эстрадӣ хеле инкишоф ёфт, квартети вокалию инструменталии ҳофизони ҷавони «Битлс» машҳур шуд.

Театр. Театри Б. К. ҳам мисли диг. мамлакатҳои Европаи Ғ. аввал калисой буд. Дар асрҳои миёна намоишҳо характери тантанаи умумихалқӣ гирифта, драмаҳои динии рамзии коллективӣ гузошта мешуданд. Дар давраи Эҳьё актёрҳои касбӣ ҷои ҳаваскоронро ивазе карданд. Драматургия ба авҷи инкишоф расид (К. Марло, У. Шекспир, Б. Ҷонсон ва диг.), нахустин ичрокунандаи рольҳои Ромео, Ҳамлет ва Лир Р. Бёрбеҷ дар байни актёрҳо ном баровард. Аввалин бинои театр («Театр») с. 1576 дар Лондон сохта шуд. Сонитар «Глобус» (1599) буньёд гардид, ки дар он дастаи Шекспир бозӣ мекард, инкишофи театри а. 18 бо маорифпарварӣ ва пойдор шудани реализм дар санъат алоқаманд аст. Баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ режиссураи Англия бо таҷрибаи санъати рус бой гардид, ки дар ин бобат фаъолияти режиссёри рус Ф. Ф. Комиссаржевский аҳамияти калон дошт. С-ҳои 30—40-ум дар саҳнаи театрҳо пьесаҳои Б. Шоу, Ч. Голсуорси намоиш дода мешуданд; дар с-ҳои 40—50-ум фаъолияти драматургҳо Брайди, Пристли, О. Кейси идома дошт. С. 1956 пайдо шудани пьесаи Ч. Осборн «Ҳангоми хашм назар намо» ба нашъунамои нави театри Англия ибтидо гузошт; драматургияи «ҷавонони ранҷида» ва баъди он драмаи нави ичтимоии маишӣ ба вуҷуд омад. Ҳозир дар Б. К. коллективи театрие, ки дастаи доимӣ ва бино дошта бошад, кам аст. Бинои театрҳо дар дасти сохибкорон мебошад. Ходимони пешқадами театр кайҳо боз барои барпо намудани театри миллӣ мубориза мебаранд. Охири с-ҳои 60-ум дар Лондон театрҳои хурд ба вуҷуд омаданд, ки бо драматургияи пешқадам алоқаманданд.

Кино. У. Пол, ки яке аз асосгузорони кинои миллии Б. К. мебошад, с. 1896 нахустин фильми англисиро намоиш дод ва ба истеҳсоли кинои миллӣ ибтидо гузошт. Аз с. 1906 ба сабаби рақобат бо монополияҳои кинои ШМА ва Франция дар кинематографияи Англия бӯҳрон сар шуд. С-ҳои 20-ум 95% намоиши фильмҳоро фильмҳои Голливуд ташкил кард. С. 1927 парламенти Англия бо талаби аҳли ҷамъият дар бораи ҳимояи кинематографияи миллӣ қарор қабул намуд. С. 1929 нахустин фильми овоз-

Ч. Констебл: «Намуди калисои ҷомеи Солсбери аз тарафи дарьё». Тақрибан 1828—29. Нигористони миллӣ. Лондон. У. Тёрнер. «Улисс ва Полифем». Нигористони миллӣ. Лондон.

1546 1547 1548

1. Колин бо тасвири манзарахои корхонаи Англия. Тахрибан 1080. Музеи малика Матильда. Байё. 2. Мухассамаи фаришта дар калисои чомеи Глюстер. Тахрибан 1337—50. 3. Пайкари пазанг. Нюрнберг. 1600—01. Силоҳхона. Москва.

дори «Шантаж» ба навор гирифта шуд. С-хои 30-юм режиссёр А. Корда фирман «Лондон филмс» ро таъсис кард, ки бехтарин фильмхои ин фирма мазхакаи «Руҳ ба Барб меравад», «Рембрандт» ва диг. будаанд. Дар с-хои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар санъати кинои Англия тамоюли прогрессивӣ қувват гирифт. Фильмхое ба навор гирифта шудаанд, ки киноочеркхои ичтимоию сиёсиро бо унсурхои кинои бадеӣ мепайвастанд. Баъди ҷанг истеҳсоли фильмхо боз кам шуда, с-хои 50-ум анъанахои реалистии кинои Англия дар кинокомедиихои режиссёр Г. Корнелиус руҳи тоза гирифт. Кинорежиссёрхое, ки бо ҷарабии адабии «ҷавонони ранҷида» алокаманд буданд, исёни анархистии ҷавононро ба мукобили маҳдудиятхои табақавӣ, идеалхои бехбудии меҳнатӣ («Ҳанго-ми хашм нагар намо», режиссёр Т. Ричардсон, «Бетохии шанбеи субҳи якшанбе», режиссёр К. Рейс) нишон доданд. Кинематографияи Англия аз миёнаи с-хои 60-ум ба сабаби экспансии иқтисодии Голливуд истиқлоли худро аз даст додааст. Фильмхои Н. Уоткинс («Ҷанбоҳи», «Интиёзе»), Л. Андерсон («Агар...»), К. Лоач («Кеҳи, ба хона биё») ва диг. ба масъалахои бузурги ичтимои бахшида шудаанд. Дар Лондон Ин-ти кинои Британия (с. 1933 таъсис ёфтааст) — маркази корхои тадқиқиёти илмӣ ва тарғиби ташвиқоти кино кор мекунад. Ҳар сол дар Эдинбург фестивали кино баргузор мегардад.

Харитаро нг. дар сах. 528—529.

Ад.: Виппер Б. Р., Английское искусство. Краткий исторический очерк, М., 1945; Добрынин В. Ф., Физическая география Западной Европы, М., 1948, Мортон А. Л., История Англии, пер. с англ., М., 1950. История Английской литературы, т. 1—3, М.-Л., 1943—58, Экономика и политика Англии после второй мировой войны, М., 1958, Харвей Д. и Худ К., Британское государство, пер. с англ., М., 1961; Волков М. Н., Промышленность Англии, М., 1965.

БРИҶТАУН (Bridgetown), пойтахти давлати Барбадос (аз 1966) дар Вест Индия. Бандар дар соҳили б. Кариб. Маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиии мамлакат. Аҳол. 109 ҳаз. наф. (1972, бо атрофаш). Корхонахои саноати хуроквори дорад. Ба воситаи бандари Б. шакару ром экспорт мешавад. Анборхои нефть, ангишт хаст. Шаҳри курорти.

БРНО (Brno), шаҳр дар кисми марказии Чехословакия, дар наздии анда-рёби дарёхои Свитава ва Свратка. Аз чихати шумораи ахолӣ ва аҳамияти иқтисодӣ баъди Прага шаҳри дуюми мамлакат. Аҳол. 339 ҳаз. наф. (1970). Узели калони наклиёт. Дар Б. асосан саноати мошинсозӣ (истеҳсоли таҷҳизоти химия, гидротурбина, ваг-он, моторхои электрикӣ, дастгоҳҳо, трактор, трансформатор, мошинхои хисоббарорӣ, асбобхои дақиқ) ривоҷ ёфтааст. Корхонахои бофандагӣ, хуроквори, чубгарӣ, мебелсозӣ, полиграфӣ низ дорад. Ҳар сол дар Б. ярмаркаи байналхалкии саноат гузаронида мешавад. Б. — яке аз марказхои калони илмию маданиии мамлакат. Ун-т, театри опера ва мулеиҳо дорад. Филиали АФ Чехословакия хаст. Осори меъмории асримиёнагӣ бокӣ мондааст. Бори нахуст дар с. 11 ҳамчун калъа номбар шудааст. Аз с. 1918 ба ҳаҷати Чехословакия дохил аст.

БРОВКА Петрусь (Петр Устинович; тав. 25. 6. 1906, вил. Витебск), шоири советии белорус. Шоири Халкии Белоруссия (1962), акад. АФ РССБ (1966). Аъзои КПСС аз с. 1950. Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1972). Аз оилаи деҳқон. Ун-ти Белоруссия ро хатм кардааст (1931). Аз с. 1967 сармуҳаррири Энциклопедиии Советии Белоруссия. Асарҳояш аз с. 1926 нашр мешаванд. Дар достони «Аз байни кӯҳҳою деворҳо» (1932) манзарахои ҷанги граждани тасвир шудаанд. Дар достонҳои «1914» ва «Катерина» (1938); шеърҳои «Богбон», «Бобо Тарас», «Ҷангалзор» ва г. образҳои конкретии қаҳрамонии даврони социалисти инъикос ёфтааст. Достони «Белоруссия» (1943, тарҷ. тоҷ. 1972) ва шеърҳои «Ба ҷанговаронӣ белорус», «Кастусь Калиновский», «Белоруссҳо, камар бандед!» ро (1943) ба диловарии ҷанговарон ва партизанҳои белорус бахшидааст. Барои достони «Нон» ва

шеърҳои «Андешаҳо дар бораи Москва», «Шукронаи халк», «Бародар ва хоҳар» сазовори Мукофоти давлатии СССР (1947) гаштааст. Инъикоси шоиронаи воқеаҳои рӯз, ғайрати большевикӣ, собиткадамии ғоявӣ, тасвири ҳолатҳои рӯҳии қаҳрамонон чихатҳои хоси маҳмуаи «Рохи зиндагӣ» (Мукофоти давлатии СССР, 1951), достони «Ҳамеша бо Ленин» (1956), маҳмуаи «Рӯзҳо даргузаранд...» (1961, Мукофоти ленинӣ, 1962; тарҷ. тоҷ. 1965) ва г. мебошанд. Дар романи «Вакте ки рӯҳо ба ҳам мерезанд» (1957) пӯстиии белорусҳо, литвониён ва латишҳоро дар сохтмони ГЭС-и сарҳади ин республикаҳо тасвир кардааст. Ин асар ба бисёр забонҳои халкҳои СССР ва мамлакатҳои социалисти тарҷума шудааст. Бо 3 ордени Ленин, 2 ордени дигар ва чанд медали мукофотонида шудааст.

БРОДСКИЙ Александр Ильич (19. 6. 1895, Екатеринослав, ҳоло Днепропетровск — 21. 8. 1969, Киев), олими совети дар соҳаи химиии физикӣ, аъзои-корр. АФ СССР (1943), акад. АФ РССУ (1939), Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1969). Тадқиқоти Б. ба таъсири халкунандаҳо ба мувозинати химиявӣ, хусусиятҳои оптикӣ, потенциали электродӣ ва диг. хосиятҳои моҳлулҳо бахшида шудаанд. Б. дар соҳаи омӯзиши механизми реакцияҳои химиявӣ, сохт ва табаддулоти радикалҳои олӣ низ кор кардааст. Б. муаллифи китоби дарсии химияи физикӣ барои мактабҳои олӣ, монографияҳо оид ба назарияи электролитҳо ва химияи изотопҳо мебошад. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1946). Бо ордени Ленин ва диг. орденҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Физическая химия, т. 1—2, М.-Л., 1958, Химия изотопов, М., 1957.

БРОЙДО Григорий Исаакович (лақаби партиявиаш Максим, Егор Егорич) (тав. 7. 11. 1884, ш. Вильно, ҳоло Вильнюс, Литва), ходими партиявӣ ва давлатӣ. Аъзои КПСС аз с. 1903. Аз оилаи хизматчӣ. С. 1902 гимназия ва 1907 фак-ти ҳуқуқшиносии Ун-ти Петроградро хатм кард. Аз с. 1903 дар ҳаракати революционӣ иштирок дошт. С-хои 1917—20 раиси Совети депутатҳои коргарон ва солдатҳои ш. Тошкент, котиби Комитети партиявии ш. Самара (ҳоло Куйбышев), аъзои Совети революционии

ҳарбии фронти Туркистон, мудири шӯъбаи КМ ПК Турк., аъзои Комиссияи туркистонии КИМ-и умумироссиягӣ ва СКХ РСФСР. С-ҳои 1920—33 ҷонишини комиссари халқии корҳои миллатҳои РСФСР, мудири Ун-ти коммунистии меҳнаткашони Шарқ, мудири Нашриёти давлатии СССР, ректори Ун-ти Коммунистии Саратов, мудири Нашриёти партиявии КМ ВКП(б). Аз дек. 1933 то нояб. 1934 котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷ. С-ҳои 1935—37 ҷонишини комиссари маорифи халқи РСФСР. Аз с. 1955 нафақахӯри шахсӣ. Дар Съезди 17 ВКП(б) номзад ба аъзоии КМ партия интихоб шуд. С-ҳои 1922—29 аъзои КИМ-и СССР. *И. Келдиев.*

БРОЙЛЕР (англ. broiler, аз broil — дар оташ бирьён кардан), чӯҷаи 60—65-рӯза (вазни зиндааш 1,4—1,6 кг), ки барои гӯшт мекушанд. Гӯшти Б. мулоим, сергизои камравган буда, нисбат ба гӯшти мурғ хосияти хуби парҳезӣ дорад.

БРОЙЛЬ, де Брольи (де Broglie) Луи де (тав. 15. 8. 1892, Дьеп), физики франсавӣ. Аъзо (1933) ва котиби доимии (1942) АФ Франция, аъзои хориҷии АФ СССР (1958). Ун-ти Парижро хатм кардааст (1909). Дар дисс. доктории худ «Тадқиқот доир ба назарияи квантҳо» (1924) ақидаи хосияти мавҷӣ дошт ани материяро пеш ниҳод (пиг. *Мавҷҳои де Бройль*). Ин ақида дар таҷрибаҳои оид ба дифракцияи электронҳо ва диг. заррахо тасдиқ шуд (ниг. *Дифракцияи заррахо*) ва асоси механикаи квантӣ гардид. Бо масъалаҳои механикаи квантии релятивӣ, сохти ядро, назарияи паҳн шудани мавҷҳои электромагнитӣ дар мавҷбарҳо ва таърихи физика низ машғул шудааст. Лауреати Мукофоти нобелӣ (1929).

Ас.: Революция в физике (Новая физика и кванты), М., 1965.

БРОККЕЛЬМАН (Brockelman) Карл (17. 9. 1868, Росток — 6. 5. 1956, Галле), шарқшиноси немис. Дар соҳаи таърихи Шарқ, таърихи адабиёти араб ва омӯзиши забонҳои сомӣ кор кардааст. Муҳимтарин асарҳои ӯ «Таърихи адабиёти араб» (ҷ. 1—5, 1898—1942) ва «Очерки грамматикаи қиёсии забонҳои сомӣ» (ҷ. 1—2, 1908—13) мебошад. Ба мисли дигар арабшиносони буржуазӣ, осорӣ ба арабӣ таълифшудаи адибону донишмандони эрониро ба адабиёту таърихи араб мансуб донистааст.

БРОМ (лот. Bromum), Br, элементи химиявии гурӯҳи VII системаи даврии Менделеев, мансуби *галогенҳо*, раками ат. 35, массаи ат. 79, 904. С. 1826 химики франсавӣ А. Ж. Балар кашф кардааст. Бром аз калимаи юн. bromos — бадбӯй гирифта шудааст. Дар қишри Замин (дар таркиби намак) массааш $1{,}6 \cdot 10^{-4}$%-ро ташкил мекунад. Б.-и озод моеи ваннини сурхи ҷигарии буғшаванда буда, бӯи теза нохуш дорад; t гуд. — 7,2° С, t ҷӯш 58,78° С, зичиаш 3100 кг/м³; дар об бад ва дар ҳалкупандаҳои органикӣ нағз ҳал мешавад. Бо металлҳо пайваст шуда, *бромидҳо* ($NaBr$, $FeBr_3$) ва ҳангоми гарм кардан бо гидроген пайваст шуда бромиди гидроген HBr ҳосил мекунад. Бо оксиген бевосита пайваст намешавад. Валенти Б. асосан —1 ва +5 аст. Дар саноат Б.-ро аз оби обанбору баҳр ва оби нефть (бо таъсири хлор фишурда баровардан) меги ранд. Миқдори зиёди Б. барои ҳосил кардани пайвастҳои гуногуни бромдор сарф мешавад. Пайвастҳои Б.-ро дар суратгирӣ, тиб, истеҳсоли антидетонатор ва ғ. истифода мебаранд. Буги Б. заҳрнок аст. Б.-и моеъ пӯстро ҷароҳатнок мекунад.

БРОМИДҲО, пайвастҳои химиявии *бром* бо диг. элементҳо. Б.-и бештари металлҳо ($NaBr$, KBr ва ғ.) намакҳои кислотаи бромиданд. Б.-и нометаллҳо (мас., CBr_4, $SiBr_4$) ва инчунин металлҳои гурӯҳи III ва IV системаи даврӣ моддаҳои зудгудоз ва зудбухоршавандаанд. Б.-ро бо роҳи бевосита пайвастани элементҳо бо бром, таъсири бромиди гидроген ба металл, оксиди металл, гидроксид, карбонатҳо ва диг. усулҳо ҳосил мекунанд. Б. дар табиат дар намуди минералҳои бромирит, эмболит, йодэмболит ва ғ. дучор мешаванд. Бромиди калию натрийро дар тиб, техника ва бромиди нуқраро дар суратгирӣ истифода мебаранд.

БРОМЛЕЙ Юлиан Владимирович (тав. 21. 2. 1921, Москва), муаррихи советӣ, муҳаққиқи таърихи асрҳои миёнаи Хорватия, акад. АФ СССР (1976, аъзо-корр. аз с. 1966), доктори илми таърих (1965). Аъзои КПСС аз с. 1944. С. 1950 фак-ти таърихи Ун-ти давлатии Москваро хатм намуд. С-ҳои 1952—58 котиби илмӣ оид ба координацияи Шӯъбаи таърихи АФ СССР, 1958—66 котиби илмии Шӯъбаи таърихи АФ СССР. Аз с. 1966 директори Ин-ти этнографияи АФ СССР. Аз с. 1968 муовини акад.-котиби Шӯъбаи таърихи АФ СССР. Аз с. 1976 муовини саркотиби илмии Президиуми АФ СССР. Муаллифи асарҳои «Шӯриши деҳқонии с. 1573 дар Хорватия» (1959), «Ташаккули феодализм дар Хорватия» (1964) ва ғ.

БРОНХИТ, зотулқасаба, газаки луобпардаи бронх, яке аз касалиҳои паҳншудаи узвҳои нафаскашӣ. Асосан шадид ва музмин мешавад. Б.-и шадид аз таъсири ҳар хел микробҳо, шамолкашӣ, ангезиши чангу ғубор, дуду газҳо ва ғ. рӯй медиҳад. Дар вақти Б. бештар роҳҳои болои нафаскашӣ, яъне луобпардаи бинӣ, ҳалқу бинӣ, ҳалқум, хирной низ иллатнок мегарданд. Б.-и шадид аввал аз зуком, хасташавии овоз, хориши гулӯ, сулфаи хушкаки дагал («дӯр-дӯр»-и гулӯ) сар мешавад, баъд ҳарор. бадан баланд мешавад (то 38—39° С), сулфа андак мулоим ва балғамнок, бемор бемадор мешавад, ҳангоми нафаскашӣ сари синааш дард мекунад ва аз қафаси сина садои хир-хир мебарояд. Беморӣ 1—2 ҳафта давом карда, аҳволи умумии беморро чандон вазнин намекунад. Аммо, агар бронхҳои майда ва майдатарин газак гиранд (бронхиолит ё бронхити капиллярӣ), сулфаи сахт, тангии нафас, дамкӯтоҳӣ, таби баландтар ва дарозмуддат рӯй дода аҳволи умумӣ вазнин мегардад. Б.-и музмин бевосита ё дар натичаи Б.-и шадид сар мезанад. Ба он бештар тамокукашон, майпарастон ва коркунони истеҳсолоти чангу ғуборнок гирифтор мешаванд. Ба Б.-и музмин сулфаи доимӣ бо балғампартой, дамкӯтоҳӣ, андак бемадорӣ, хир-хири нафас хос аст. Баъзан газаки пардаи луобӣ ба пардаи рӯи бронхҳо ҳам мегузарад (периобронхит), ки ин бонси оқибатҳои (боду ғуборҳои) вазнин, чун эмфиземи шуш, бронхоэктазия (бисьёр ёзида васеъ шудани бронхҳо) ва ғ. мегардад.

Муолиҷа: дар вақти Б.-и шадид нӯшокиҳои гарми нармкунандаи гулӯ (шири гарм бо сода), дорухои рафъи сулфа (кодеин, дионин) ё балғамовар, дорухои бедардкунанда, антибиотикҳо, сульфаниламидҳо таъин мекунанд. Б.-и музминро ғайр аз давоҳои номбурда, боз бо ёрии тағьир додани иқлим (соҳили баҳр, ҷойҳои дарахту бешазор), дам кашидани ҳаври моддаҳои балисонӣ ва мумиё, бо нурҳои ультрабунафш ва ғ. табобат мекунанд. Ба бемор хӯрокҳои гуногуни сервитамину сергизо таъин мекунанд.

БРОНХҲО, шохаҳои ноӣ нафаскашӣ, ки ҳаворо ба шуш мебаранд. Ду бронхи асосӣ — рост (калонтар) ва чап (хурдтар) ворида шуш гардида, ба шохаҳои калону хурд тақсим шуда, ба ҳиссаю ҳиссачаҳои шуш медароянд. Б. дар маҳалли миёнадевори сина бо рагҳои бузург вомехӯранд; аз болои бронхи чап камони аорта, аз бронхи рост венаи тоқа мегузаранд. Б. асосан аз нимҳалқаҳо ва лавҳачаҳои тағоякӣ иборат буда, бо мушакҳои суфта таъмин гардидаанд, аз дарун бо пардаи луобӣ ва эпителий рӯпӯш шудаанд. Бо ҷунбиши мижгонакҳои эпителӣ чизҳои бегонаи ба роҳи нафас дохилшуда берун бароварда мешаванд. Дар қабати

зерипардаи луоби гадудхои луоббарор ва хубобчахои лимфавй чойгир мешаванд. Аз беруни Б.-ро бофтаи пайвандй ихота мекунад, ки аз вай рагхои хун ва лимфа мегузаранд.

БРОУН (Brown) Роберт (21. 12. 1773, Монтроз — 10. 6. 1858, Лондон), ботаники англис, яке аз асосгузорони *эмбриологияи растанй*, кашфи *харакати броунй*. Асархои Б. ба флораи Австралия, морфология, эмбриология ва систематикаи растанй бахшида шудаанд. Дар тухммугча ҳаниидонро кашф намуда, тухмдони надоштани сўзанбаргон ва саговникхоро исбот кард (1825) ва бо ин фарқи шўшидатухмонро аз лучтухмон муайян намуд.

БРУДЕР (англ. brooder, аз brood — тухмзеркунй), таҷҳизотест барои гарм кардани чўчахо дар хафтаи аввали аз тухм баромаданашон. Дар СССР бештар Б. и электрй, газ ва батареяй паҳн шудааст. Дар зери хар як Б. 500 чўча ҷой додан мумкин аст.

БРУНЕЙ (Brunei), Султонии Бруней, мулки султонй, ки дар тахти протекторати Британияи Кабир буда, дар шим. ҷаз. Калимантан (Борнео) воқеъ аст. Масох. 5,8 ҳаз. км². Ахол. 160 ҳаз. нафр (1976), 54% аҳолй малайхо ва 26% хитойхо. Пойтахташ — Бандар-Сери-Бегаван. Забонхои расмй малай ва англисй. Қариб 50% диндорон мусулмонанд. Ҳокимияти олй дар дасти султон аст. Британияи Кабир дар Б. комиссари олй дорад, ки ба воситаи он алоқахои беруній ва мудофиаи султонро назорат мекунад. Сатҳи хоки Б. асосан ҳамвор аст. Иклимаш экваторій. Ҳарор. миёнаи солона 26° С, боришот — 2000—4000 мм. Зиёда аз 75% хоки Б.-ро бешахои тропикій иштол кардаанд. Хочагии Б. хусусияти мустамликавй дорад. Сохахои асосии он: истеҳсоли нефть, каучук ва хочагии ҷангал мебошад, ки ба онхо монополиякои Англия назорат мекунанд. Қариб нисфи замини корам каучукзор аст. Гайр аз ин шолй, нахли сагою норчил, банан ва диг. зироатхои хўроквори меруянд. Гов, хук ва буз низ парвариш карда мешавад. Дар ш-хои Брунеи ва Куала Белайт саноати чўб ва дар Тутонга саноати нефть мавҷуд аст. Тўли роҳхои мошингард такр. 1250 км. Ба хорича нефть (то 95% экспорт), чўбу тахта ва иччунин каучук меборорад.

Б. дар пиёми якуми а. 16 давлати пуркувват буда, ба тамоми соҳилхои шим. Калимантан ва диг. ҷаз-хои ҳамсоя ҳукмронй мекард. С. 1580 мустамликадорони Испания Б.-ро забт намуданд. С. 1888 Б. протекторати Британия шуд. С-хои 1941—45 Б.-ро Японія истило кард. С. 1959 конституция қабул карда шуд, ки мувофиқи он режими мустамликавй боқй монд. Партияи халқй, ки с. 1956

ташкил ёфта буд, барои истиқлолияти Б. мубориза мебарад.

БРУНО (Bruno) Ҷордано Филиппо (1548, Нола — 17. 2. 1600, Рим), файласуф ва шоири италиявй, намояндаи *пантеизм*. Аз таъқиби рўҳонён гурехта, дар Франция, Англия ва Германия зиндагй кардааст. Баробари ба Италия баргаштан (1592) ба бидъат ва озодфикри айбдор гардида, баъди 8 соли маҳбусй дар гулхан сўзонда шуд.

Дар фалсафаи Б. идеяхои *монофизитизм*, акидахои материалистони антика, иччунин пифагориён мушоҳида мешаванд. Ба ташаккули натурфалсафаи пантеистии Б., ки ба схоластикаи Арасту мукобил меистад, шиносои бо фалсафаи *Николаи Кузанй* мусоидат кард. Ба қавли Б. мақсади фалсафа на дарки худои фавқуттабиъ, балки табиат, «худои дар ашёё» зухурёбанда мебошад. Б. назарияи гелиоцентрии Н. Коперникро инкишоф дода, дар бораи беинтиҳоии табиат ва беинтиҳоии оламхои зиёди пайдо ва ихтиёри акида намуда, ягонагии физикии оламро собит мекард. Тасаввурот дар бораи ҷавҳари ягонаи беинтиҳо, ки аз он ашёёи дигар пайдо мешавад, дар таълимоти Б. бо идеяи ҳаробати ботинй ва мувофиқати зиддхо нобаста карда мешавад.

Воҳиди ягонаи ҳастй *монада* мебошад, ки дар фаъолияти он ҳолати чисмонию рўҳонй, субъект ва объект як мешавад. Ҷавҳари олй — «монадаи монада» (худо) ҳамчун чизи том дар ҷузъиёт, («ҳама дар ҳама») зухур меёбад. Ин идеяхо ба инкишофи фалсафаи замони нав таъсири бузург расонданд. Идеяи ҷавҳари ягона ва мунасибати он бо чизхои алоҳида аз тарафи Б. Спиноза, идеяи монадахо аз тарафи Г. Лейбниц, идеяи ягонагии ҳастй ва мувофиқати зиддхо дар диалектикаи Ф. Шеллинг ва Г. Гегель таҳлил шудаанд. Фалсафаи Б. марҳилаи гузариш аз системахои фалсафии асрхои миёна ба таълимотхои фалсафии замони нав мебошад.

Дар космология Б. як силсила тахминхое пешгўй кард, ки кашфиётхои баъдинаи астрономй ҳаққонияти онҳоро исбот намуданд: дар бораи мавҷудияти сайёрахои номаълуми Системаи Офтоб, дар бораи гардиши Офтоб ва ситорахо дар атрофи меҳвари худ, дар бораи мавҷудияти шумораи беинтиҳои ҷисмхои ба Офтоб монанди кайҳон ва г. Б. тасаввуротхои асримиёнагиро дар бораи таводи замину осмон рад карда, ба антропоцентризм мукобил мебаромад.

Б. ба классицизм зид буд. Асархои Б. достони ҳаҷвии зиддиклерикалии «Киштии Нўҳ», сонетахои фалсафй, мазҳакаи «Шамъдон» мебошанд.

Ас.: Изгнание торжествующего зверя, СПБ, 1914; О героическом энтузиазме, М., 1953.

Ад.: Рожицын В. С., Джордано Бруно и инквизиция, М., 1955; Штекли А., Джордано Бруно, М., 1964; Де Санктис Ф., История итальянской литературы, т. 2, М., 1964; Горфункель А., Джордано Бруно, М., 1965.

БРУСНЕВ Михаил Иванович (25. 1. 1864, деҳаи Сторожеваяи Кубань — 1. 7. 1937, Ленинград), ташкилотчии яке аз аввалин гурўҳхои с.-д. дар Россия. Аз оилаи казак. Фаъолияти революционаш с. 1881 огоз ёфт. Ин-ти технологии Петербургро хатм кард. С. 1891 дар устохонахои р. о. Москва — Брести ш. Москва чун технолог кор карда, кружокхои нави с.-д. ташкил кард, бо кружокхои ш-хои Тула, Нижний Новгород, Харьков, Киев ва гурўхи Плеханов «Озодкунии меҳнат» алоқа муқаррар кард. Баъди 4 соли маҳбусй ба Ёкутистон бадарга шуд. С. 1904 ба Петербург баргашта, дар гурўхи с.-д.-ии Иттифоқи инженерон ширкат намуд. С. 1907 чун намояндаи блоки чап (большевикхо ва эсерхо) ба ҳайати интихобкунандагони вакилони Думаи давлатй дохил шуд. Баъд фаъолияти сиёсиро тарк намуд. Баъди Рев. Октябрь дар яке аз ташкилотхои Комиссариати халқии савдои беруній кор кард. Ниг. низ *Гурўҳи Бруснев*.

БРУЦЕЛЛЁЗ, бемории сироятию аллергии одаму ҳайвонот. Б.-ро асосан микроорганизм (бруцелла)-хои бузу гўсфанд (Brucella melitensis), гов (B. abortus), хук (B. suis) меангезонанд. Ба организми ҳайвонот бруцеллахо баъзан бо хўрок ва об ба воситаи аъзои ҳозима дохил мешаванд. Хукхо, бузхо гоҳо бо роҳи ҷинсй ҳам сироят меёбанд. Аломати асосии бемории ҳайвонот исқот мебошад. Манбаи асосии сироят пешоб, начосат, луоби даҳону бинй, шир, гўшт ва диг. моддахои ихроҷии ҳайвони касал аст. Одам ба Б. аз истеъмоли шир ва гўшти ҳайвоноти касал, ҷароҳати пўст ва узвхои нафас гирифтор мешавад. Бруцеллахо баъди ба организм гузаштан ба воситаи гиреххои лимфа дар хун ва баъд ба тамоми бофтаю узвхо паҳн мешаванд. Организм нисбат ба онхо ҳассосй пайдо мекунад. Дар организм *аллергия* авҷ мегирад. Б. ба ҳамаи аъзою бофтахои организм (шуш, ҷигар, гурда, роҳхои нафас, рагхои хун ва г.) алоҳида-алоҳида сироят карда метавонад. Мас., *эндокардити* Б.-й, *тромбофлебити* Б.-й, плеврити Б.-й ва г. маълуманд. Одатан баъди 2—3 ҳафтаи сироятї орга-

низм баландшавии ҳарорат ва зиёд шудани ифрози арақ мушоҳида мешавад. Ин ҳол баъди ҳар 2—3 ҳафта такрор меёбад. Беморӣ 2—3 сол давом мекунад. Б.-ро бо антибиотикҳо, вакцинотерапия, дар курорт (асосан дар курорти Хоҷа Оби Гарм) муолиҷа мекунанд. Пешгирӣ: ба организм гузаронидани вакцина, маҳви манбаи касалӣ, ҳайвонҳои солимро аз ҳайвонҳои касал ҷудо нигоҳ доштан ва ғ.

Дар РСС Тоҷ. Б. дар байни одамон аввалин бор с. 1929 мушоҳида шудааст. Ба туфайли гузаронидани тадбирҳои ветеринарӣ ва тиббӣ дар республика дар 20 соли охир Б.-и ҳайвонот қариб 7 маротиба ва Б.и одамон зиёда аз 12 баробар кам гардид.

Ад.: Бруцеллёз. Вопросы эпидемиологии и профилактики, М., 1972.

И. А. Вайсбурд.

БРЫЛЬ Янка (Иван Антонович; тав. 4. 8. 1917, Одесса), нависандаи советии белорус. Аз оилаи коргар. Дар ҷангҳои партизании зидди фашистони гитлерӣ фаъолона иштирок кардааст. Повести «Дар Заболотия субҳ медамад»-ро (1950, Мукофоти давлатии СССР, 1952) ба коллективонӣ ва муборизаи синфӣ дар деҳоти Белоруссияи Ғарбӣ бахшидааст. Дар бораи ҷавонон ва бачаҳо повесту ҳикояҳо эҷод кардааст. Дар повестҳои «Дар Быстрянка» (1954), «Ошуфтагӣ» (1959), очеркҳои «Бо чашмони дӯстӣ», «Дили коммунист» ва ғ. Б. оламе ботинии инсонро бо маҳорати баланд тасвир мекунад. Муаллифи романи «Паррандаҳо ва лонаҳо» (1964) ва китоби миниётюрҳои лирикии «Як даста нури офтоб» (1965) низ мебошад. Дар таълифи китоби «Ман аз деҳаи Оташин» (1974) — достони деҳаи Хатынь — бо А. Адамович ва В. Колесников ҳамкорӣ кардааст. Асарҳои Б. ба забони халқҳои СССР, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ (ҳикояи «Андӯҳ», дар маҷм. «Нақҳати гул», 1965; «Пайраҳа», дар маҷм. «Ҷӯш зан, Двина», 1965) ва забонҳои хориҷӣ тарҷума шудаанд. Бо 2 орден ва медалҳо мукофотонида шудааст.

БРЮЛЛО́В Карл Павлович (23. 12. 1799, Петербург — 23. 6. 1852, Марчано, назди Рим), рассоми рус. Дар АР Петербург (1809—21) аз А. И. Иванов ва А. Е. Егоров таълим гирифтааст. С-ҳои 1823—35 дар Италия кор карда, 1835 ба Петербург баргашт. Аз с. 1836 проф. АР Петербург буд. С. 1850 боз ба Италия рафт. Б. бо таълимоти академия, ки дар рӯҳияи принципҳои эстетикии классицизм тарбия мекард, қонеъ нашуда, кӯшиш дошт, ки санъати тасвирии русро бо равияи реалистӣ инкишоф диҳад. Аммо чустучӯҳои эҷодии ӯ бо ифодаи романтикии хоси замонаш омезиш меёфтанд. Дар асари машҳури Б. «Рӯзи охирини Помпеи» (1830—33, Музеи рус) харобии шаҳр дар натиҷаи оташфишонии вулқони Везувий тасвир ёфтааст. Б. қаҳрамонони ин асарашро ҳамчун одамони нексират ва мардони ҷаҳиб нишон дода, фоҷиаи ҳалокати ногузир ва нотавонии инсонро дар пеши қувваҳои табиат таъкид мекунад, мазмуну моҳияти асосии асар бо зиддиятҳои таърихӣ, ки дар солҳои шикасти ҳаракати озодихоҳӣ дар Европа ба вуқӯъ омада буд, алоқаи мустаҳкам дорад. Ҳарчанд дар ин мусаввара унсурҳои классицизми академӣ мушоҳида мешавад, Б. кӯшидааст, ки ҳақиқати таърихиро реалистона тасвир намуда, рӯҳияи қаҳрамононро ифода намояд. Асари дигари барҷастаи Б. «Муҳосираи Псков» (1839—43) аст. Ба қалами ӯ портрети одамони машҳури замонаш — зиёиён (Н. В. Кукольник, 1836, И. А. Крылов, 1839, А. Н. Струговщиков, 1840, автопортрет, 1848, М. Ланчи, 1851, дар Нигористони Третьяков) тааллуқ доранд, ки дар санъати портретнигории рус комьёбии беназиранд. Дар онҳо мураккабии табиати инсон ва олами маънавии он инъикос ёфтааст. Асарҳои рассом барои инкишофи санъати тасвирии реалистони Россияи нимаи дуюми а. 19 таъсири мусбат расондаанд.

Тасвирро нег. дар саҳ. 496—497.

БРЮССЕ́ЛЬ (франс. Bruxelles, фламандӣ Brussel), пойтахти Бельгия, маркази сиёсию иқтисодӣ ва аз ҷиҳати аҳолӣ калонтарин шаҳри мамлакат, дар соҳили д. Сена. Маркази маъмурии музофоти Брабант. Аҳол. 1,1 млн наф. (бо атрофаш, 1975). Б. узели р. о., шоссе ва нақлиёти ҳавоии байналхалқист. Ба воситаи кан. Б.—Шарлеруа шаҳр бо районҳои саноатии мамлакат ва ба воситаи кан. Б.—Рюпел бо д. Шельда ва Баҳри Шимолӣ алоқа дорад. Дар Б. ва атрофи он корхонаҳои калони саноати мошинсозӣ (асосан таҷҳизоти соҳаҳои электротехника, нақлиёт, полиграфия), химия, бофандагӣ, дӯзандагӣ ва ғ. ҷойгиранд. Бисьёр корхонаҳои хурд низ дорад, ки маҳсулоти сермасриф ва ҳунармандӣ (тӯр, қолин, заргарӣ) мебароранд. Осори меъмории Б. асосан дар атрофи Майдони калон — Гранд-плас боқӣ мондааст: бинои Ратуша (1401—55), «Қасри шоҳ» (1515—25), калисои ҷомеи Сен-Мишель-э-Гюдюль (1226—1490) ва ғ. Дар Б. ун-т (1834), Мактаби олии фанҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, Ин-ти география, Академияи фанҳо ва Академияи санъат, инчунин Музеи санъати атиқа, Музеи санъати муосир, музейҳои подшоҳии санъат ва таърих (археологӣ ва этнографӣ); Музеи подшоҳии Конго, Музеи К. Менье ва ғ. вокеанд.

Б. бори нахуст дар маъхазҳои а. 11 номбар шуда, аз нимаи 2-юми а. 12 яке аз марказҳои асосии иқтисодии герцогии Брабант гардид. С. 1585 онро испанҳо ишғол карданд. Б. маркази асосии Рев. 1830-и Бельгия буд ва баъди ғалабаи он пойтахти Бельгия шуд. С-ҳои 1914—18 ва 1940—44 шаҳрро қӯшунҳои Германия ишғол карда буданд. Б. чоҳ як қатор конференция, конгресс ва съездҳои байналхалқист. Аз ҷумла дар ин ҷо аз 30. 7 то 6. 8. 1903 Съезди 2 РСДРП барпо гардид. С. 1958 дар Б. Выставкаи умумиҷаҳонӣ шуда гузашт.

БРЯНСК, шаҳр, маркази вил. Брянски РСФСР. Дар соҳили д. Десна воқеъ гардидааст. Ст. калони р. о. Аҳол. 385 ҳаз. наф. (1977). Б. маркази калони саноатист. Хусусан мошинсозӣ (истеҳсоли дизель, тепловоз, вагонҳои боркаш, тракторҳои вазнин, бульдозеру скрепер, автогрейдер, таҷҳизот барои з-дҳои цемент ва ғ.) хеле тараққӣ кардааст. З-дҳои хишти силикатӣ, маснуоти оҳанубетонӣ, комбҳои хишту оҳак ва қисмҳои сохтмон, ф-каҳои дӯзандагӣ, бофандагӣ ва пойафзол, инчунин комб-ҳои орд, гӯшт, з-ди шир ва корхонаҳои чӯбгарӣ дорад. Ин-тҳои мошинсозии нақлиёт ва технологӣ, 12 мактаби миёнаи махсус, театри драма ва музеи кишваршиносӣ мавҷуданд. Б. бори нахуст дар солномаи 1146 зикр ёфтааст. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (аз 6 окт. 1941 то 17 сент. 1943) Б.-ро армияи фашистон ишғол карда буданд.

БРЯНСК, вилоят дар РСФСР. 5. 7. 1944 ташкил шудааст. Дар қисми марказии ҳамвории Европаи Шарқӣ воқеъ аст. Масоҳ. 34,9 ҳаз. км². Аҳол.



Брюссель. Бинои аэровокзали «Сабена»; аз рост — Вокзали марказӣ.

БРИТАНИЯИ КАБИР

УКЕНУСИ АТЛАНТИК
БАХРИ ШИМОЛЙ
ИРЛАНДИЯ
ЛОНДОН
СОТТЕВА ОН СИ
Шарнесс
Марсит
Грейт Ярмут
Лестер
Ноттингем
Шеффилд
Манчестер
Ливерпул
Кардиф
Бристол
Плимут
Саутгемптон
Брайтон
Кентербери
Ипсвич
Кембридж
Оксфорд
Лидс
Ньюкасл
Эдинбург
Глазго
Белфаст
Дублин
Корк
Лимерик
Уотерфорд
Вексфорд
Ирландия
Бельгия
Брюгге
Остенде
Лилль
Булонь
Кале
Дюнкерк
Гавр
Руан
Дьепп
Амьен
Сен-Кентен
Аррас
Камбре
Лаон
Шартр
Орлеан
Парижи
Сена
Сен-Жермен
Версаль
Мелун
Фонтенбло
Сен-Дени
Сен-Мишель
Сен-Жермен
Сен-Клер
Сен-Мартен
Сен-Жермен

БРИТАНИЯИ КАБИР, ХАРИТАИ ИКТИСОДӢ


ЛОНДОНИ КАЛОН
МАСШТАБ 1:1 000 000
Сарҳади округҳои маъмурии с. 1964
Эзоҳ. Саноати муосири округҳои маъмурӣ нишон дода шудааст
УКЬЕНУСИ АТЛАНТИК
БАХРИ ШИМОЛӢ
БАХРИ ИРЛАНДИЯ
ИРЛАНДИЯ
ҷаз. Айлей
ҷаз. Аррон
ҷаз. Мэн
ҷаз. Харрис
ҷаз. Тайр
Инверкейд
Фрайзербро
Абердин
Инвернесс
Дарем
Уик
Дарлингтон
Ньюкасл-апон-Тайн
Тайнмут
Норт-Шилдс
Саут-Шилдс
Сандерленд
Блит „В"
Питерли
Хартлпул
Гилдфорд
Скарборо
Йорк
Лидс
Гулл (Холл)
Уэст-Сол
Имминхем
Гримсби
Линкольн
Ньюкастл
Ньюкастл-андер-Лайм
Ньюкастл-ин-Лонсдейл
Ньюкастл-ин-Уэлс
Ньюкастл-ин-Эмлин
Ньюкастл-ин-Ирвин
Ньюкастл-ин-Ирвин
Ньюкастл-ин-Ирв


Мошинсозӣ ва коркардаи маҳсулот
Киштисозӣ
Автомобилсозӣ ва авиатсиясозӣ
Химия
Истеҳсоли маҳсулоти нефть
Атомӣ
Чӯбгарӣ
Коғазпечгарӣ
Шишаю сафолӣ
Бофандагӣ
Газворӣ пахта
Пашм
Катон
Чут
Дӣзандагӣ
Пояфзол
Хурокворӣ
Соҳаҳои дигар
МАРКАЗҲОИ САНОАТИ КОРКАРДИ МАСОЛЕҲ
(ба ҳисоби ҷамъ аҳолии шаҳрҳо ва ноҳияҳо)
1363 Лондон
346 Бирмингем
100–200
50–100
25–50
то 25
ИСТЕҲСОЛИ САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ
ангишт
нефть
газ
маъдани оҳан
маъдани полиметалл
маъдани ҷаҳонӣ
намаки ош
Эзоҳ. Марказҳои муҳими истеҳсоли сарватҳои зеризаминӣ бо аломатҳои алоҳида нишон шудаанд
СТАНСИЯҲОИ ЭЛЕКТРИКӢ
Стансияҳои электрикии обӣ (аз кВт)
аз 100 то 400
аз 20 то 100
Олаву (зиёда аз млн кВт)
Атомӣ
Газопроводҳо
Дарёҳо ва каналҳои киштигард
Бандаргоҳҳо
Муомилоти солонаи бори бандаргоҳ
аз 50 то 70 млн тонна
аз 10 то 30 млн тонна
аз 3 то 10 млн тонна
ХОҲАГИИ ҚИШЛОҚ
Чорвоҳои интенсивӣ дар марзҳои ҳаётӣ
ҳаром шир
ҳаром гӯшт
Чорвоҳои экстенсивӣ (гӯсфандҳо, ҳаром дар ҳароҳоҳои табиӣ)
Зироат пайваста бо чорвоҳои интенсивӣ (асосан аз ҳисоби хӯроки ноҳия)
Сабзавотҳои, меваҳо ва дигар зироатҳои молии сермаҳсул
Замини ҳамҳосилдиҳанда
Территории шаҳрҳо
Ҷавдар
Ҷаҳдар
Ҷав
Лаблабуи ҳаҷ
Картошка
Катон
ЛАНКАШИР ВА ЙОРКШИРИ ҒАРБӢ
МАСШТАБ 1:2 000 000
Саутпорт
Ливерпул
Манчестер
Стокпорт
Нортвич
Шоттон
Бримбо
Крю
Стек-он-Трент
Ньюкасл-андер-Лайм
Ланкастер
Ҳаддерсфилд
Ҳалифакс
Ҳаддерсфилд
Барнсли
Донкастер
Ротерхем
Шеффилд
Стейнли
Уэйкфилд
Уэйкфилд
Ҳаддерсфилд
Ньюкастл
Дерби
МАСШТАБ 1:3 500 000
35 0 35 70 105 140 км
Дар фабрикаи №4 СУГИ с. 1977 таҳрир ва нашр карда шуд

БРИТАНИЯИ КАБИР, ХАРИТАИ ИҚТИСОДӢ

Мошинсозй ва сохтмони нерогоҳ
Киштисозй
Автомобильсозию авиационй
Химия
Истеҳсоли маҳсулоти нефть
Атомй
Чўбгарй
Когазу полиграфия
Шишаю сафолй
Бофандагй
Газвори пахта
Паши
Аз маҳсулоти истеҳсоли нефть ва гази табиий
Катон
Чут
Дўзандагй
Пойафзол
Хурокворй
Соҳаҳои дигар

МАРКАЗҲОИ САНОАТИ КОРКАРДИ МАСОЛЕҲ.
(ба ҳисоби ҳазор ҳаси маштули кор)

1363 Лондон
346 Бирмингем

100–200 50–100 25–50 то 25

ИСТЕҲСОЛИ САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНЙ

ангиштсанг ва моҳияҳои ҷойгиршавии он
нефть
гази табиий
маъданҳои оҳан
маъданҳои полиметалл
маъданҳои қалъагй
намаки ош

Эзоҳ. Марказҳои муҳими истеҳсоли сарватҳои зеризаминй бо аломатҳои алоҳида нишон шудаанд

СТАНЦИЯҲОИ ЭЛЕКТРИКЙ
Станцияҳои электрикии обй (ҳаз кВт)

аз 100 то 400
аз 20 то 100

Олаву (зиеда аз млн кВт)
Атомй
Газопроводҳо
Дарёҳо ва каналҳои киштигард
Бандаргоҳҳои сайёҳй

Муомилоти солонаи бори бандаргоҳ
аз 50 то 70 млн тонн
аз 10 то 30 млн тонн
аз 3 то 10 млн тонн

ХОҲАГИИ ҚИШЛОҚ

Чорводории интенсивй дар марзҳои ҳишта
барои шир
барои гўшт
Чорводории экстенсивй (гўсфандпарварй дар чарогоҳҳои табиий)
Зироат пайваста бо чорводории интенсивй (ҳосили аз ҳисоби ҳосили ҳосилоти)
Сабзавоткорй, мевапарварй ва дигар зироатҳои молии сермаҳсул
Замини ҳамҳосилдиҳандаи
Территорияи шаҳрҳо
Бонус
Ҷавдар
Чаю
Ҳаблабуми ҳанд
Картошка
Катон

ЛАНКАШИР ВА ЙОРКШИРИ ҒАРБЙ
МАСШТАБ 1:2 000 000

МАСШТАБ 1:3 500 000
35 0 35 70 105 140 км

Дар фабрикаи №4 СУГИ с. 1977 таҳрир ва нашр карда шуд

ВЬЕТНАМ
Масштаб 1:8 000 000
80 0 80
Т А И Л А Н Д
К А М П У Ч И Я
Т О Н К И Н
Х А Н О Й
Х А Й Ф О Н
Х У Е
Д А Н А Н Г
Х О Ш И М И Н
П Н О М П Е Н
Х А Л А Ч И Б
С И А М
Х А Л. Б А К Б О
(Т О Н К И Н)
Х А Л. Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Н О Р Д И Н
Х А Л. Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И Ш А Р Қ И
Х А Л. Ш А Р Қ И

1512 ҳаз. наф. (1977), асосан русҳо, инчунин украинҳо ва белорусҳо. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 43,3 наф. Вил. Б. 23 район, 15 шаҳр ва 30 пгш дорад. Ш-ҳои калонаш: Брянск, Клинцы, Новозыбков, Дьятьково. Марказаш — ш. Брянск.

Терр. вилоят дар қисми ғарбии баландии Миёнаи Рус воқеъ гашта, рельефаш асосан ҳамвор, дар Ш. андаке (то 200—250 м) баланд мешавад. Иқлимаш континентии мўътадил. Зимистонаш нисбатан нарми сербарф, тобистонаш гарм. Ҳарор миёнаи янв. аз —7,3° то —9° С, июль аз 18,3° то 19,2° С. Боришоти солона 560—600 мм. Д-ҳо ба ҳавзаи Днепр таалуқ доранд. Дарёи калонтаринаш Десна (шохоби Днепр) бо шохобҳояш Болва, Снежеть, Навля, Нерусса, Судость ва г. Ҳоки заминии вилоят бештар хокистарранг, хокистарранги чимтолӣ ва бешагӣ. Б. дар зонаи беша воқеъ буда, танҳо канори ҷан. шарқиаш ба зонаи бешадашт дохил аст. Бешаҳо зиёда аз 1 млн га заминро ишғол карда, нобаробар паҳн шудаанд; дарахтони сапаабар, тўс, осина, булут, ольхаи сиёҳ, шумтол, липа ва г. меруянд. Дар бешаҳо ҳайвоноти ваҳшӣ — гаваани ҷангалӣ, гуроз, хирси бўр, гург ва г. зиёданд; аз паррандаҳои шикорбоб—чилмург, чувшӣ, кўрпатаки ҳолдор, лойхўрак ва г. вомехўранд.

Б. саноати серсоҳаи мутараққӣ ва х. қ.-и сермаҳсул дорад. Базаи энергетикиаш сўзишвории кашонда ва торфи хушсифати маҳалли аст. Соҳаҳои асосии саноат—мошинсозӣ, корвардӣ металл. Дизель, тепловоз, вагонҳои махсус, тракторҳо, мошинҳои роҳсозӣ ва х. қ., велосипед; таҷҳизот барои корхонаҳои саноати масолеҳи бинокорӣ, чўбгарӣ ва бофандагӣ истеҳсол менамояд. Саноати масолеҳи бинокорӣ бо шагалу реги маҳаллӣ, гил, бўр, мергель кор мекунад. З-ди калони цемент, комб. маснуоти асбоцемент, з-дҳои хишту оҳак дорад. Истеҳсоли булўр, шишаи тireза ва нахи шиша ривоҷ ёфтааст. Фосфорит истеҳсол карда, аз он орди фосфорит тайёр мекунанд. Саноати чўбгарӣ асосан ба истеҳсоли мебель, картон ва ғўгирд махсус гардонида шудааст. Корхонаҳои дўзандагӣ, истеҳсоли матоъҳои пашмин, чарму пойафзол соҳаҳои муҳими саноати сабуки вилоят мебошанд. Саноати хўрокворӣ асосан консерв, крахмал, спирт, равғаи, панир, гўшт, қанд, тамоку истеҳсол мекунад. Соҳаҳои асосии х. қ.— кишти ғалла, картошка, чорводорӣ барои ширу гўшт, зироати техникӣ. Майдони умумии х. қ. 54,8% терр. Б.-ро дарбар мегирад. Шабакаи р. о. Б. зиёда аз 1 ҳаз. км; роҳҳои муҳимаш: Москва — Киев ва Рига — Орёл — Ленинград. Узелҳои калонтарини р. о.: Брянск ва Унеча.

Соли хониши 1974/75 Б. 1474 мактаби таълими умумӣ, 36 омўзишгоҳи

касбию техникӣ, 25 мактаби миёнаи махсус, 3 ин-т (мошинсозии нақлиёт, технологӣ ва педагогӣ) дошт. Театрҳои драма ва лўхтак, 888 китобхонаи оммавӣ, 1224 муассисаи маданию маърифатӣ, 7 музеи кишваршиносӣ ва г. кор мекунанд. Газетаҳои Б. «Брянский рабочий» ва «Брянский комсомолец».

Ад.: Бабушкин А. Н., Брянская область, Брянск, 1958; Долгополов К. В., Центрально-Черноземный район, М., 1961.

БУАЛО, Буало-Депреё (Boileau Despreaux) Никола (1. 11. 1636, Париж — 13. 3. 1711, ҳамон ҷо), шоир ва мунаққиди франсавӣ, муҳаққиқи *классицизм*. Б. асосан, ҳаҷвнавис аст. С-ҳои 1660—66 дар мавзўъҳои маишӣ, ахлоқӣ ва адабӣ ҳаҷвия навиштааст. Диалогҳои «Қаҳрамонони романҳо» (1665), «Мулоҳизаҳо дар бораи қасида» (1693) ва г. таниқиди ҷараёни адабии аристократиро дарбар мегиранд. Б. принципҳои асосии эстетикии классицизми франсавиро дар достони «Санъати шеър» (1674) баён кардааст. Б. барои асарҳои драмавӣ риоя кардани ҷой, вақт, амалиётро, ки аз талаботи классицизм аст, ҳатмӣ мешуморад. Поэтикаи Б. ба афкори эстетикӣ ва адабиёти а-ҳои 17—18-и мамлакатҳои Европа таъсир расонидааст. *Ш. Мухтор.*

БУБНОВ Андрей Сергеевич (лақаби партиявиаш Химик, Яков; тахалл. адабиаш А. Глотов, С. Яглов, А. Б. ва г.) (4. 4. 1883, Иваново-Вознесенск — 12. 1. 1940), арбоби давлатӣ ва партиявии советӣ. Аъзои Партияи Коммунистӣ аз с. 1903. Аз оилаи маъмури ф-каи бофандагӣ. С. 1905 аъзои Комитети РСДРП-и Иваново-Вознесенск ва с. 1906 аъзои Бюрои иттифоқи РСДРП-и Иваново-Вознесенск шуд. Иштирокчии съездҳои 4-ум (1906) ва 5-уми РСДРП (1907). С-ҳои 1909—17 дар Нижний Новгород, Сормово, Петербург, Самара ва диг. шаҳрҳо кори партиявӣ бурд. Борҳо таъқиб карда шудааст. Б. дар Съезди 6-уми партия аъзои КМ РСДРП(б) ва дар маҷлиси КМ 23 окт. 1917 аъзои Бюрои Сиёсӣ интихоб шуд. С-ҳои 1917—29 дар вазифаҳои масъули давлатӣ ва партиявӣ кор кард. С. 1925 котиби КМ РКП(б), 1929—37 Комиссари халқии маорифи РСФСР. Дар съездҳои 8, 11, 12-и РКП(б) помзад ба аъзоии КМ ва дар съездҳои 13—17 аъзои КМ партия интихоб гардид. Б. оид ба таърихи Партияи Коммунистӣ як қатор асарҳо навиштааст. Бо ордени Ленин ва ордени Байраки Сурх мукофотонида шудааст.

БУВАК, деҳа дар С. қ. Айнӣ, р-ни Ленини РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Коминтерн». Аз Б. то маркази С. қ. 4 км, то район 43 км; роҳ мошингард. Аҳол. 370 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби ибтидоӣ дорад. Дар наздикии деҳа лагери пионерии «Ласточка» ҷойгир аст. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорӣ, галлакорӣ, тамокукорӣ.

БУГ, Буги Ғарбӣ, дарёе дар СССР ва Польша (қисми зиёдаш аз сарҳад мегузарад), шохоби рости д. Висла. Тўлаш 831 км, масоҳ. ҳавзааш 73 470 км². Аз баландии Подольск (вил. Львови РССУ) сар шуда, аз канори шарқии баландии Люблин ва Подляс ҷорӣ мешавад. Давраи серобиаш март—апр., камобиаш—сент. Дек. ях баста, охирҳои март яхаш об мешавад. Шохобҳои калонаш: Мухавец ва Нарев. Аз резишгоҳаш 315 км киштигард. Дар соҳилҳои Б. ш-ҳои Буск, Каменка-Бугская, Червоноград, Сокаль, Брест ҷойгиранд. Б. ба воситаи як қатор дарёҳо ва кан. Днепру Буг бо д-ҳои Днепр ва Неман алоқаманд аст.

БУГАЛАК, деҳа дар С. қ. Гарав, р-ни Регари РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Съезди 20 партия». Аз Б. то маркази С. қ. 1 км, то район 9 км; роҳ асфальт. Аҳол. 596 наф. (1976), ўзбекҳо ва тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, клуб, магазин ва китобхона дорад. Соҳаи хоҷагӣ—асосан пахтакорӣ. Заминҳои деҳа аз дарёи Шеркент обёрӣ мешаванд.

БУГИ ҶАНУБӢ, дарёе дар РССУ, ба хал. Днепри Баҳри Сиёҳ мерезад. Тўлаш 806 км, ҳавзааш 63740 км². Аз баландии Подольск ва пастии назди Баҳри Сиёҳ ҷорист. Аз окт. то нимаҳои янв. яхбаста, март об мешавад. Шохобҳои асосиаш: аз рост — Бакшала, Волк, Згар, Ров, Кодыма, Чичиклея; аз чап — Соб, Синюха, Мертвовод, Ингул. Аз ш. Вознесенск киштигард. Дар соҳилҳои Б. Ҷ. ш-ҳои Хмельницкий, Винница, Гайворон, Первомайск, Николаев ҷойгиранд.

БУДАПЕШТ (Budapest), шаҳр, пойтахти Республикаи Халқии Венгрия. Дар ҳарду соҳили д. Дунай воқеъ аст. Масоҳ. 525 км². Аҳол. 2065 ҳаз.



Будапешт. Намуди умумии шаҳр. Аз чап — райони марказии Буда ва к. Геллерт, аз рост — райони марказии Пешт.

наф. (1976). Узели калони нақлиёт. Б. муҳимтарин базаи индустрикунонии социалистии мамлакат. Соҳаҳои асосии саноат — асбобсозӣ, электротехника, мошинсозии дақиқ, химия, полиграфия, инчунин хӯрокворӣ, металлургияи сиёҳ. Корхонаҳои калонаш комб. металлургии «Чепель», комб. «Ганц-Маваг» (поезди дизелӣ, киштӣ, автобуси «Икарус», мошини боркаш ва мотоцикл), з-ди «Эдьешюльт-Иззо» (таҷҳизоти телефону телеграф, лампаҳои радио, аппаратҳои электровакуумӣ ва ғ.). Дар Б. Ун-ти ба номи Л. Этвеш, ин-тҳои политехникӣ, тиббӣ, иқтисодиёт ва ғ. ҳаст. Академияи миллии мусиқии Венгрия ба номи Ф. Лист, АФ Венгрия (1825), як қатор ин-тҳои тадқиқоти илмӣ, Китобхонаи давлатии ба номи Ф. Сеченьи (1802), Китобхонаи шаҳрии Э. Сабо (1904) ва диг. мавҷуданд. Музейҳояш: Музеи миллӣ (1802), Нигористони миллӣ (1957), Музеи миллии таърих (1802), Музеи санъати тасвирӣ (1896) ва ғ. Театрҳо: Операи Венгрия, театрҳои драма, оперетта ва диг.

Б.-ро д. Дунай ба ду қисм тақсим кардааст — Будаи кӯҳӣ дар соҳили рост ва Пешти ҳамвор дар соҳили чап. Пешт нисбатан навбуньёд, биноҳо асосан ҳалқашакл ҷой гирифтаанд, кӯчаҳояш васею рост. Дар Буда, ки маркази таърихии шаҳр мебошад, собиқ қасри шоҳ ва диг. биноҳои ҳукуматӣ, деворҳои қалъа ва манораҳо (а-ҳои 13—18) ҳастанд. Дар к. Геллерт ба шарафи Б.-ро озод кардани ҷанговарони советӣ муҷассама гузошта шудааст. Районҳои саноатии пойтахт асосан дар соҳили чап ҷойгиранд (Чепель, Уйпешт ва ғ.). Соҳилҳои Дунай бо 8 пул пайвастанд. Сохтмони метрополитени Шарқ—Ғарб с. 1970 ба охир расид.

Б. с. 1872 аз муттаҳид гардидани 3 шаҳрчаи хурд — Буда, Пешт ва Обуда ташкил шуд. Дар давраи ташаккули маҷориён (тақр. 895) Пешт маскани славянҳо (то а. 10) буд. С. 1361 — Буда пойтахти Венгрияи подшоҳӣ. С-ҳои 1541—1686 дар Буда ва Пешт туркҳо ва ибтидои а. 18 Габсбургҳо ҳукмронӣ мекарданд. Шаҳр дар Рев. 1848—49-и Венгрия роли муҳим бозидааст. Аз охири а. 19 Б. маркази ҳаракати революционии коргарӣ. Б.-ро марти 1944 қӯшунҳои фашистии немис ишғол карда буданд. 13 февр. 1945 онро Армияи Советӣ озод кард.

БУДДО (санскр. Буддҳа, айнан покшуда, равшаншуда), дар *буддоия* вуҷудест, ки ба авҷи қудсият расидааст. Б. дар маъноии маҳдудаш лақаби Сиддҳартҳа Гаутама мебошад, ки ӯ мувофиқи ривоятҳои буддой асосгузори буддоия буда, с-ҳои 623—544 то м. ё 60 сол баъдтар зистааст.

Муҷассамаи Буддо. Гандҳара. А. I то м. Музеи Берлин.

Мувофиқи ривоятҳои буддой ӯ аз оли Гаутама (номаш низ аз ҳамин ҷо), аз қабилаи шакҳо (аз ин ҷо яке аз лақабҳои ӯ: Шакя-Муни — зоҳид аз байни шакҳо) буд. Дар 29-солагӣ Б. оила ва хонаи падарро тарк карда, баъди 7 соли оворагӣ, гӯшанишинӣ ва дар натиҷаи андешаҳои зиёд ба таълимоти навбуддоия асос гузошт.

БУДДОИЯ, яке аз динҳои ҷаҳонӣ дар қатори *масеҳият* ва *ислом,* ки а-ҳои 6—5 то м. дар Ҳиндустони Қадим пайдо шудааст. Асосгузори Б.

Будапешт. Муҷассамаи аскарони советӣ дар Майдони Озодӣ.

Сиддҳартҳа Гаутама ҳисоб мешавад, ки баъдтар номи Буддоро (равшаншуда, покшуда) гирифтааст. Дар давраи ҳукмронии Ашок аз сулолаи Маурихо (а. 3 то м.) Б. дини давлати эълон карда мешавад. Китоби асосии мукаддаси буддоиён «Типитака» («Се сабад») буда, он аз се қисм — Винаяпитака («питакаи ҳулқу ахлоқ»), Суттапитака («питакаи сутра») ва Абҳидҳаммапитака («питакаи дҳарма») иборат аст. Дар а. 1 м. Б. ба ду ҷараён — *ҳинаяна* ва *маҳаяна* ҷудо шуд. Моҳияти Б.-ро таълимот дар бораи «чор ҳақиқати ҳақиқи» ташкил мекунанд: ҳаёт ҷаҳолат ва кулфат аст, сабаби тавлид—фаъолият ва сабаби фаъолият — орзую хоҳиш аст, барои аз ҷаҳолат, яъне аз ҳаёт раҳо ёфтан аз орзую хоҳиш даст кашидан лозим ва ниҳоят ягона роҳи халоси аз орзую хоҳиш садоқат ба Б. аст. Мақсади охирини ҳар як буддоӣ — *нирвана* мебошад. Ҷаҳот аз худи кас вобаста аст, на аз ёрию хоҳиши худоҳо. Роҳи беҳтарини ҷаҳот роҳиби (инг. *Рӯҳбоният*) аст. Б. ҳамаи одамонро дар «кулфат» ва «ҷаҳот» баробар донисту даъват мекард, ки машаққати оламро тавассути *зуҳд* ва гӯшанишини, ҷустуҷуи саодати ирфонӣ—нирвана аз хотир бароранд. Дар ибтидои ҳазорсолаи 1 м. дар натичаи пазиқшавии Б. бо *барҳмания ҳиндуия* пайдо шуда инкишоф меёбад, вале Б. нест нашуда дар диг. мамлакатҳо низ паҳн мегардад. Б. ба ҳамаи чиҳатҳои ҳаёт, хусусан маданияти халқҳое, ки ин динро қабул кардаанд, таъсир расонидааст. Дар инкишофи маданияти осиёмиёнагии буддоӣ роли дайрҳо бағоят калон буд. Роҳибон аксаран ба сифати рассомон, адибон ва табибон амал мекарданд.

Структура, тарзи идора ва дарачаи марказияти ҷамоаҳои буддоӣ дар кишварҳои мухталиф гуногун аст. Дар Бирма ва Шри Ланка марказияти қатъи нест ва ҷамоаҳо ба ҳокимияти давлатӣ бевосита тобеъ нестанд. Б. дар Таиланд дини давлати мебошад (шоҳ сарвари ҷамоаи Б. аст). Дар Лаос ҳам шоҳ сардори ҷамоа шуморида мешавад. Ҳоло аксарияти аҳолии Бирма, Лаос, Камбоҷия ва Таиланд пайравони Б., хусусан шоҳаи ҳинаянаи он мебошанд. Тарафдорони шоҳаи дигари Б. маҳаяна дар Хитой, Япония, Корея ва Непал зиндагӣ мекунанд. Шумораи ками буддоиён дар Покистон, Ҳиндустон, Америкаи Ҷанубию Шимолӣ мавҷуданд. Ғайр аз ин, як гурӯҳ буддоиён дар ШМА ва Европа вуҷуд доранд. Дар Иттифоқи Советӣ ба ҷамоаи буддоӣ Назорати динии буддоиёни СССР роҳбарӣ мекунад. Б.-и ҳозира як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ дорад. Пайравони ҷараёни ламаизми Б. дар байни диндорони бурят, қалмиқ, тувагиҳо ва диг. халқҳои Сибирь дучор меоянд. Моҳияти иртиҷоии Б.-и ҳозира дар тарғиби сарнавишту тақдир, даст кашидан аз муборизаи синфӣ ва олами ҳастӣ, эътирофи ақидаҳои архаистӣ зоҳир мегардад.

Ҳафриёти археологии назди деҳаи Даршаи Бадахшон—навиштаҷоти диниии а-ҳои 2—1 то м., ки бо хати ҳиндии кхарошти сабт шудааст, шаҳодат медиҳад, ки Б. дар Тоҷикистон аз қадим ҷой доштааст. Осори маъмули Б.-и Осиёи Миёна дайри буддоии а-ҳои 7—8 м. дар *Аҷинатеппа* мебошад. Ғайр аз навиштаҷоту ҳайкалҳои буддоӣ дар ин ҷо муҷассамаи 11 метраи Буддо ёфт шудааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки дар Осиёи Миёна, то истилои араб ва интишори ислом Б. дар қатори *зардуштия* ва *монавия* хеле паҳн шуда буд.

В. Рахов.

БУДЕННЫЙ Семён Михайлович (25. 4. 1883, қиш. Козюрин, ҳоло р-ни Пролетарский вил. Ростов — 26. 10 1973, Москва), яке аз ташкилотчиёни Қувваҳои Мусаллаҳи Советӣ, Маршали Иттифоқи Советӣ (1935), се карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1958, 1963 ва 1968). Аъзои КПСС аз с. 1919. Аз оилаи деҳқони камбағал. Аз с. 1903 дар полки 46 уми казакҳои Дон хизмат карда, дар ҷанги Русу Ипон (1904—05) иштирок намудааст. Мактаби қӯшуни саворааи Петербургро (1908) хатм карда, дар полки қӯшуни саворааи Приморий хизмат намуд. Иштирокчии ҷанги якуми ҷаҳонӣ, барои шуҷоат бо 4 ордени Салиби Георгий мукофотонида шудааст. Авг. 1917 дар беяроқгардонии эшелонҳои қӯшуни Корнилов дар Орша роҳбарӣ кард. Баъди ғалабаи Рев. Октябрь ба Дон баргашт. С. 1918 барои муборизаи зидди гвардиячиёни сафед қӯшуни савора ташкил намуд, ки он баъдтар ба полк, бригада ва дивизия табдил ёфт ва с-ҳои 1918—19 дар наздикии Царицын бомуваффақият ҷангид. Июни 1919 бо сардории Б. корпуси қӯшуни савора ташкил шуд, ки он барои торумори гвардиячиёни сафед роли калон бозид. Нояб. 1919 корпус ба Армияи 1-уми савора табдил ёфт, ки он барои торумор кардани қӯшунҳои Деникин, армияҳои Пилсудский дар Украина, Врангель дар Таврияи Шимолӣ ва Қрим роли ҳалкунанда бозид. Б. с-ҳои 1921—37 дар корҳои роҳбарикунандаи ҳарбӣ буд. С. 1932 Академияи ҳарбии ба номи Фрунзеро хатм намуд. Аз с. 1937 фармондеҳи қӯшунҳои Округи ҳарбии Москва ва аъзои Советӣ асосии ҳарбии Комиссариати халқии мудофиаи СССР, с-ҳои 1939—40 ҷонишини комиссари халқии мудофиа, аз авг. 1940 ҷонишини якуми комиссари халқии мудофиа шуда кор кард. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—1945) ба ҳайати Ставкаи Сарфармондеҳи Олӣ дохил гардида, фармондеҳи гурӯҳи қӯшунҳои армияи резервии Ставка (июнь-июли 1941), сарфармондеҳи қӯшунҳои Самти Ҷанубӣ-Ғарбӣ (июль—сент. 1941), фармондеҳи Фронти резервӣ (сент.-окт. 1941), сарфармондеҳи қӯшунҳои Самти Кавкази Шимолӣ (апр.-май 1942), фармондеҳи Фронти Кавкази Шимолӣ (май—сент. 1942) буд. Аз янв. 1943 фармондеҳи аскарони саворааи Армияи Советӣ ва аъзои Советӣ олии ҳарбии Вазорати Қувваҳои Мусаллаҳи СССР. Аз с. 1920 аъзои Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ, аз с. 1922 аъзои Комитети Иҷроияи Марказии СССР, депутати Советӣ Олии СССР (даъватҳои 1—8). Аз с. 1938 аъзои Президиуми Советӣ Олии СССР, аз с. 1934 номзад ба аъзоии КМ ВКП(б), аз 1939 аъзои КМ ва с. 1952 номзад ба аъзоии КМ КПСС. Муаллифи ёддоштҳои «Роҳи тайшуда». Бо 8 ордени Ленин, 6 ордени Байраҳи Сурх, ордени Суворов дараҷаи I ва диг. орденҳо, яроқи ҷангии тиллоии ордени Байраҳи Сурхдор, яроқи фахрии оташфишонии революционии ордени Байраҳи Сурхдор ва яроқи фахрӣ — шамшер бо тасвири Герби давлатии СССР ва медальҳо мукофотонида шудааст. Дар Майдони Сурх мадфун аст.

БУДЕННЫЙ, деҳа дар С. қ. Авангард, р-ни Қӯрғонтеппаи вил. Қӯрғонтеппа. Терр. к-зи ба номи К. Маркс. Аз Б. то маркази С. қ. 2 км, то район 9 км; роҳ асфальт. Аҳол. 909 нафр. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, магазин, чойхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, обчакорӣ. Заминҳо аз д. Вахш ба воситаи канал обьёрӣ мешаванд.

«БУДОСАФ ВА БУЛУҲАР», асари ҳиндиасли диниест, ки аз тафсилоти яке аз саргузаштҳои Буддо ба ҳам омадааст. Дар аҳди Хисрави Парвез (531—579) ба забони паҳлавӣ тарҷума шуда, низ як миқдор ҳикоёти тамсилию пандомез аз фольклору андарзномаҳои қадимаи форс-тоҷик ба мундаричаи он илова гардидааст. Ба ин васила версияи эронии «Б. ва Б.» хусусияти динии ибтидоиашро як дараҷа гум карда, ҷанбаи баденю ахлоқиаш қавитар шудааст. Ин ривояти паҳлавии асар дар а-ҳои 8—9 ба забонҳои суриёнию арабӣ ва аз арабӣ ба юнонӣ, аз юнонӣ ба лотинӣ ва баъдтар ба чандин забонҳои европоӣ нақл ёфта, бо унвонҳои гуногун дар байни халқҳои ҷаҳон машҳур шудааст. Дар заминаи ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқу фалсафаи халқҳои гуногун мундаричаю ғояи асар тағйиру такмил ёфтааст. Аз ҷиҳати банду баст «Б. ва Б.» ба қиссаҳои саргузаштӣ

ва китобҳои ахлоқӣ монанд аст. Тамсил ва пандҳо аз забони Булуҳари донишманд баён шудаанд. Нусхаи мукаммали форсӣ-тоҷикии «Б. ва Б.» ҳанӯз ба табъ нарасидааст. Ривояти мухтасар ва оммавии он дар Эрон чоп шудааст. Дар СССР ба забонҳои русӣ ва гурҷӣ «Б. ва Б.» борҳо ба табъ расидааст. Нусхаҳои дастнависи форсӣ-тоҷикии асар ҷар китобхонаҳои олам маҳфузанд. *Ю. Салимов.*

БУДОҒ (Viburnum.), авлоди бутта ё дарахтчаҳои хазонрез, ҳамешасабз, мансуби *мушолиҳо*. Тақрибан 200 намудаш дар Европа, Осиё, Африкаи Шимолӣ ва Америка паҳн шудааст. Дар СССР 8 намуди худрӯяш вомеҳӯрад. Б. барги яклухт ё нобаробарканор, рӯ ба рӯи якдигар ҷойгиршуда, гули мутаносиби 5-барга, хӯшагули чатр ё сипаршакл дорад, мевааш донакдор. Дар РСС Тоҷ., якчанд намуди Б. (V. opulus, V. rhytidophyllum) чун растании ороишӣ

Будоғ (Viburnum opulus): 1—шохчаи гулдор; 2 — шохчаи мевадор; 3 — гул.

парвариш мешавад. Гул ва пӯстлохи Б. (V. opulus) дар тиб чун доруи хунбанд истифода мегардад.

БУДУН, деҳа дар С. қ. Язгулом, р-ни Ванҷи ВАБК. Дар соҳили рости д. Язгулом воқеъ аст. Аз Б. то маркази С. қ. 7 км, то район 52 км; роҳ мошингард. Аҳол. 368 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби 8-сола, магазин, узели радиошунавонӣ, китобхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ—тамокукорӣ, кирмакдорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ. Заминҳо аз д. Будун обьёрӣ мешаванд.

БУЖУМБУРА (Bujumbura), пойтахти Республикаи Бурунди (аз 1962). Бандар дар соҳили шим. шарқии кӯли Танганьика. Аҳол. 90 ҳаз. наф. (1974). Маркази тиҷорату нақлиёт ва иқтисодии мамлакат. З-дҳои цемент, пиво, пахта ва якчанд ф-каҳо (истеҳсоли кампал, тӯри моҳидорӣ ва ғ.), ГЭС дорад. Моҳидорӣ ва саноати коркарди моҳӣ тараққӣ кардааст. Қисми асосии савдои хоричии мамлакат ба воситаи Б. мегузарад.

Бужумбура. Як манзараи шаҳр.

Ба хорича қаҳва, пахта, пӯст, қалъагӣ ва металлҳои дигар экспорт мешавад. Узели муҳими роҳҳои автомобильгард. Аэропорташ аҳамияти байналхалқӣ дорад. Дар Б. мактабҳои махсус, ун-т (1960), Ин-ти ахбор ҳаст.

БУЗ (Capra hircus), ҳайвони жовандаи ҷуфтсум аз оилаи ковокшохон. Яке аз аввалин ҳайвонҳои хонагӣ. Б.-ҳои ҳозираи вахшии морхӯр (C. falconeri), позахр (C. aegagerus) ва мурдарафтаи C. prisca-ро аҷдоди Б.-и хонагӣ (C. hircus) меҳисобанд. Дар Тоҷикистон 2 намуди Б.-и вахшӣ: *нахчир* — C. sibirica (дар ҳамаи районҳо, ғайр аз водиҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ) ва *морхӯр* (қ-кӯҳҳои Санглох, Сарсарак ва Ҳазратишоҳ) вомеҳӯрад.

Аз рӯи кофтуковҳои археологии Яримтеппаи Ироқи Шимолӣ ва Анов (дар наздикии Ашқобод) 8 ҳаз. сол пеш бузпарварӣ вуҷуд доштааст.

Б. ба шароитҳои гуногуни экологӣ зуд мутобиқ мешавад ва аз ин рӯ, дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон онро парвариш мекунанд. Маҳсулоти асосии Б. шир, гӯшт, пашм ва тибит аст. Б. 9—10, баъзан то 17 сол умр мебинад. Дар 5—8-моҳагӣ болиғ мешавад ва аз 14—18-моҳагӣ ҷуфтӣ мекунонанд; даври ҳамл қариб 5 моҳ. Аз ҳар 100 сар 150—250 сар бузғола мегиранд. Дар шароити хуби парваришу нигоҳубин соле 2 бор насл гирифтан мумкин аст. Вазни такка 60—65 (баъзан то 100) кг, модабуз 40—60 кг. Соле 450—500 ва дар хоҷагиҳои пешқадам то 1000 (миқдори рекордӣ 3000) кг шир (равғаннокиаш 3,8—4,5%) медиҳад. Рӯзе 1—3 бор меҷӯшанд. Дар як тарош 3—6 кг пашм медиҳад. Б.-и фарбеҳ кардашуда 20—28 кг гӯшту 4—6 кг равған медиҳад. Ниг. низ *Бузпарварӣ*.

Ад.: Зеленский Г. Г., Козоводство, М., 1971; Сапожников Г. Н., Дикие копытные Таджикистана, дар кит.: Редкие млекопитающие фауны СССР, М., 1976.

Г. Н. Сапожников, И. Г. Лебедев.

БУЗБИТ, деҳа дар С. қ. Эскигузар, р-ни Орҷоникидзеобод РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи Карим Исмоилов. Аз Б. то маркази С. қ. 2 км, то район 7 км; роҳ асфальт. Аҳол. 767 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Б. мактаби 8-сола, магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ—пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

БУЗГАНДУМ (Aegilops), авлоди гиёҳи як ё дусолаи алафӣ, мансуби *хӯшаиҳо*. Хӯшаҳояш нештармонанд ё байзашакл. Дар СССР (Қисми ҷанубӣ, Қисми европоӣ, Кавказ, Осиёи Миёна) 10 намуди Б. меруяд. Дар РСС Тоҷ. 4 намудаш (Ae. crassa, Ae. triuncialis, Ae. cylindrica, Ae. squarrosa) вомеҳӯрад. Дар доманакӯҳҳо, санглоху харобазорҳо меруяд. Намудҳои Б. асосан дар қ-кӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, Зарафшон ва Тоҷикистони Ҷанубӣ паҳн шудаанд. Б. хӯроки хуби чорво ба шумор меравад.

Бузгандум (Aegilops triuncialis).

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 1, М.-Л., 1957. *А. Ҳомидов.*

БУЗИ АНГОРӢ, зоти серпашм. Дар кишварҳои қадими ҷануби Байнаннаҳрайн ба вуҷуд овардаанд. Дар асрҳои миёна Б. а.-парварӣ махсусан дар ноҳияи Ангора (Анқарап Туркия) инкишоф ёфт ва номи зот низ аз ҳамин ҷост. Вазни зиндаи модабуз 32—36 кг, такка 50—55 кг, дар як тарош 2,2—7 кг пашми нимдурушт (65—75%-аш пашми соф) медиҳад. Аз пашми Б. а. матоъҳои баландсифати моҳутӣ, махмали дарозпат, гилем, матоъҳои гуногуни трикотажӣ ва ғ. тайёр мекунанд. Б.

а.-ро барои беҳтар гардонидани зоти бузҳои дурештпашм истифода мекунанд. Дурагааш пашми нимдурушт медиҳад. Дурагаи Б. а.-ро дар СССР асосан дар Закавказия, Осиёи Миёна ва қисман дар Қазоқистон ва районҳои биёбони Кавкази Шимолӣ мепарваранд. Б. а. барои ба вуҷуд овардани *бузи серпашми советӣ* истифода шудааст.

Ад.: Зеленский Г. Г., Козоводство, М., 1971.

БУЗИ ЗААНЕЙ, зоти ширдеҳ. Дар водии д. Зааней (Saane) Швейцария (а. 19) ба вуҷуд овардаанд. Б. з. калонҷусса, асосан сафед, аксар бешох, модабуз 50—60 кг ва таккааш 70—80 кг. Аз ҳар 100 сар 180—250 бузғола

мегиранд. Дар давраи лактация (8—12 моҳ) 600—700 (беҳтаринаш то 2482) ва дурагаҳояш 500—1000 кг шир (равганнокиаш 3,6—4,5%) медиҳад. Б. з. барои ба вучуд овардани зоти буҳҳои сершири бисёр мамлакатҳои Европа, Америка ва Осиё роли муҳим бозидааст. Б. з.-ро ба Россия с-ҳои 1905—13 оварда, барои беҳтар кардани зоти буҳҳои ширдеҳи руси истифода кардаанд. Дурагаи Б. з. дар тамоми вил-ҳои марказӣ ва шим. ғарбии РСФСР паҳн гаштааст.

БУ́ЗИ СЕРПАШМИ СОВЕТӢ, зоти пашмдеҳ. С-ҳои 1947—62 дар республикаҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон бо роҳи чуфтикунонии буҳҳои чойдории дурушт пашм ва зоти буҳҳои ангорӣ ба вучуд овардаанд. Асосан дар республикаҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон ва дар Кавкази Шимолӣ парвариш мекунанд. Вазни зиндаи модабуз 38—40 кг, такка 55—65 кг, пашмаш сафеди рахш, ниммаҳин (дарозиаш 18—20 см), нисбат ба пашми бузи ангорӣ сертибит, дар як тарош 1,5—4 кг пашм (75—80%-аш пашми соф) медиҳад. Аз 100 сар 105—110 бузгола мегиранд. Дар давраи ширдиҳӣ (лактация) 65—70 л шир медиҳад. Гӯшти Б. с. с. сергизост. Аз пашми Б. с. с. махмал, гилем ва аз тибиташ рӯймолҳои шол, камзӯл ва г., аз пӯсташ чармҳои пурдошти гуногун тайёр мекунанд. Б. с. с. ба шароити баландкӯҳу води мутобиқ буда, барои беҳтар кардани маҳсулнокии буҳҳои дурушт пашми маҳаллӣ истифода мешаванд. С. 1974 дар РСС Тоҷ. 132442 сар Б. с. с. буд. З-ди зотпарварии ба номи Т. Эрйигитови р-ни Ашт ва с-зи зотпарварии «Қизил Юлдуз»-и р-ни Хуҷанди вил. Ленинобод яке аз хоҷагиҳои

беҳтарини зоти Б. с. с.-парварии СССР ба шумор мераванд.

Ад.: Зеленский Г. Г., Караваев К., Козоводство Таджикистана и пути его улучшения, Сталинабад, 1950; Караваев К., Маргулис И., Козы советской шерстной породы, Д., 1963; Зеленский Г. Г., Козоводство, М., 1971. *И. Г. Лебедев.*

БУ́ЗИ ҶОЙДОРӢ, бузи тоҷикӣ, зоти гӯшту пашму ширдеҳ. Дар аксари районҳои Тоҷикистон (хусусан вил. Кӯлоб, р-ни Ғарм ва Помири Шарқӣ) парвариш мекунанд. Вазни зиндаи модабуз 40—45 кг ва такка 50—55 кг, пашмаш гуногунтаркиб (дарозии пашми дурушташ 30—40 см ва тибиташ 4—5 см), аксар сиёҳ,

қисман ало, соле дар як тарош 0,7—0,9 кг пашм (88—94%-аш пашми соф) медиҳад. Аз 100 сар 110—115 бузгола мегиранд. Дар давраи ширдиҳӣ (лактация) 70—160 кг шир (равганнокиаш 4,4%) медиҳад. Гӯшти Б. ҷ. сергизост. Аз пашми Б. ҷ. арғамчин, аз тибиташ рӯймол, каллапӯш, камзӯлча ва г., аз пӯсташ чармҳои сахтиён, шевро, лайка, замша тайёр мекунанд.

Ад.: Зеленский Г. Г., Караваев К., Козоводство Таджикистана и пути его улучшения, Сталинабад, 1950; Щёкин В., Солдатенков Н., Чорводорӣ, Сталинобод, 1961. *И. Г. Лебедев.*

БУ́ЗКАШӢ, кӯбкорӣ, улоқ, улоқтозӣ, навъи варзиши миллӣ, ки аз қадимулайём дар байни халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон маъмул аст. Тарзу усул ва қоидаҳои Б. дар тамоми ноҳияҳои Тоҷикистон қариб як хел мебошад: то оғози Б. саворахо дар ҷои муайян ҷамъ меоянд. Баъд довар бузи (ё гусолаи) сарбуридаро дар нуқтаи муайяне (одатан дар чуқурӣ) ба замин менартояд. Ин дам анбӯҳи саворон (аз 30 то 150 ва бештар савор) ба гирифтани буз мешитобанд ва Б. сар мешавад. Дар Б. шахсе ғолиб дониста мешавад, ки бузро аз замин бардошта ва ё бузи аз замин бардоштаро аз дасти аспсаворе зӯран гирифта ба марра (такр. 300—500 м) бурда расонад. Ҳангоми Б. бо чилбур ё ресмон бастани пои буз ба қоши зини асп манъ аст. Б. аксар дар рӯзҳои ҷашни валодат, ақиқа, идҳо, баъзан тӯи арӯсу домод ва диг. маросимҳо гузаронида мешуд. С. 1957 дар Қазоқистон ва республикаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар РСС Тоҷ.— дар назди ипподроми республикавии ба номи Шалкини Душанбе (тобеи Вазорати хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон) Б. ҳамчун намуди мустақили спорт ба расмият дароварда шуд. Чопандозони тоҷик дар мусобиқаҳои республикавию умумииттифоқӣ комьёбиҳои бисёр ба даст оварданд. Командаи РСС Тоҷ. дар чемпионати СССР оид ба Б. 14 маротиба ҷои якум, с. 1976 ҷои дуюм, с. 1977 дар ш. Фрунзе ҷои сеюмро гирифт. Б. дар рӯзҳои мо ба муносибати идҳои гуногуни умумихалқӣ ташкил мешавад. Устодони спорти Тоҷикистон Р. Достиев, Н. Қурбонов, Т. Убайдов дар СССР шӯҳрат доранд. *С. Абдуллоев.*

БУЗПАРВАРӢ, соҳаи чорводорӣ. Дар ҷаҳон зиёда аз 383 млн сар буз буд, ки 50%-и он дар Осиё (хусусан Ҳиндустон ва Хитой) ва 30%-аш дар Африка мебошад. Зоти буҳҳои ширдеҳ дар СССР (буҳҳои ширдеҳи горькӣ, зааней, мергелӣ ва г.), Европаи Ғарбӣ (зааней, тоггенбургӣ), ҷан. ғарбии Осиё (сурияги), Африкаи Шимолӣ (нубиягӣ ва г.) бисёранд. Буҳҳои серпашми советӣ (СССР), ангорӣ (Туркия, ШМА ва РМА), мараш (Эрон ва диг. мамлакатҳои Шарқи Наздик) аҳамияти саноатӣ доранд. Зоти буҳҳои махсуси тибитдеҳро дар СССР (оренбургӣ ва наздидонӣ) ва Тибет (кашмирӣ) парво мекунанд. Зоти буҳҳои дурушт пашм дар бисёр мамлакатҳо паҳн шудааст. 1 янв. 1972 дар СССР 5,4 млн сар буз буд, ки қариб 47%-и он дар РСФСР ва 21%-аш дар республикаҳои Осиёи Миёна (аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 507,5 ҳаз.) парвариш карда мешавад. Миқдори зиёди буз дар хоҷагиҳои шахсии колхозчиён, коргарон ва хизматчиён мебошад. Дар баъзе районҳо фермаҳои Б., хоҷагиҳои зотгирӣ ва г. (мас., з-ди зотпарварии ба номи Т. Эрйигитови р-ни Ашт ва с-зи зотпарварии «Қизил Юлдуз»-и р-ни Хуҷанд) ташкил карда шудааст. Шири буз тезҳазму сергизо, барои тайёр кардани панир ва диг. маҳсулоти ширӣ истифода мешавад ва барои кӯдакон ва одамони меъдаашон касал муфид аст. Гӯшти буз ба монанди гӯшти гӯсфанд хуштаъму сергизо мебошад. Аз пашми буз матоъҳои трикотажӣ, патдор, қолин ва г. мебофанд. Аз пӯсти буз чармҳои сахтиён, шевро, лайка, замша, хром тайёр мекунанд. Аз тибити буз рӯймолҳои нафис ва шол мебофанд.

Ад.: Зеленский Г. Г., Караваев К., Козоводство Таджикистана и пути его улучшения, Сталинабад, 1950; Зеленский Г. Г., Козоводство, М., 1971. *Т. И. Лебедева.*

БУЗУ́РГ بزرگ Бузурк, номи мақом дар мусиқӣ. 1) мақоми 8-ум дар системаи «Дувоздаҳмақом», ки аз шӯъбаҳои «Ҳумоюн» ва «Нуҳуфт» таркиб ёфтааст. 2) мақоми аввал дар «Шашмақом» буда, аз қисмҳои «Мушкилот» (Созӣ) ва «Наср» (Овозӣ) иборат аст ва оҳангу таронаҳои зиёдеро



дарбар мегирад. Дар рисолаҳои мусиқии Ҷомӣ, инчунин Кавкабии Бухорой, Дарвешалии Чангӣ дар бораи мақоми Б. маълумотҳои назарияви дода шудааст. Қаторовози мусиқии мақоми Б. чунин аст:

Танбӯр ҳангоми навохтани мақоми Б. ба тариқи зерин соз карда мешавад:

Ба мақоми Б. ҳамчун илова шӯъбаҳои «Ироқи Бухоро» ва «Рок» дохил гардидаанд .Б. аз тарафи устодони «Шашмақом» Б. *Файзуллоев*, Ш. *Соҳибов*, Ф. *Шаҳобов* ба нота гирифта шудааст. Бастакор З. Шаҳидӣ дар асоси як қатор оҳангҳои мақоми мазкур достони симфонии «Бузрук»-ро эҷод намудааст. Сохт ва таркиби мақоми Б. дар схема нишон дода шудааст.

Ад.: Шашмақом, ҷ. I, М., 1950; Ражабов И., Мақомлар масаласига доир, Тошкент, 1963.

БУЗУРГЗОДА́ Лутфулло (1909, Исфара—12. 11. 1943, деҳ. Прудкаи вил. Витебски РССБ), забоншинос ва адабиётшиноси советии тоҷик. Аъзои КПСС аз с. 1942. Маълумоти миёнаро дар Исфараю Қазон ва олиро дар Самарқанду Ленинград гирифтааст. Б. чанд гоҳ муҳаррири нашриёт ва асосан муаллими Ин-ти педагогии Душанбе буд ва ба сифати ходими илмии Базаи Тоҷикистонии АФ СССР ҳам кор мекард. С. 1941 ихтиёран ба ҷанг

рафта дар майдони муҳориба ҳалок гардид. Дар забоншиносӣ, шевашиносӣ, фольклор ва адабиётшиносӣ осори нисбатан зиёде боқӣ гузоштааст, ки баъзе аз асарҳояш ҳангоми дар фронт буданаш ба табъ расидаанд: «Зада дар забони адабии тоҷик» (1937), «Фонетикаи забони адабии тоҷик» (1940), «Морфологияи забони тоҷикӣ» (1941), «Синтаксиси забони тоҷикӣ» (1942), «Шеваи тоҷикони Чилгазӣ» (1936), «Шеваи Ворух», «Дар бораи шеваи тоҷикони Сӯх», «Шаклҳои феъли якчанд шеваҳои районҳои шимолӣ», «Шеваи Ленинобод» (1937), «Баъзе хусусиятҳои забони аҳолии Самарқанд» (1938), «Харитаи диалектологии шеваҳои тоҷикии водии Фарғона» (1939), «Очерки мухтасари диалектологияи тоҷик» (1939), «Ғӯрӯғлӣ ва сайри таъриҳии он», «Достонгӯй ва шоири халқӣ Бобоюнус», «Чистонҳо ва зарбулмасалҳои тоҷикӣ» (1940), «Инъикоси шӯриши Восеъ дар фольклор» (1941), «Носири Хисрав ва мероси адабии ӯ», «Хоҷонии Шервонӣ ва Сайфи Исфарангӣ», «Мақоми «Бӯстон» дар эҷодиёти Саъдӣ», «Рисолаи мусиқии Ҷомӣ ва маданияти мусиқии халқи тоҷик» ва г. Як қисми ин таълифот дар филологияи тоҷик имрӯз ҳам муҳиманд.

В. Самадов.

БУЗУРГИИ БЕИНТИҲО КАЛОН, бузургии тағьирёбандаест, ки дар процесси муайяни тағьирёбӣ қимати мутлақаш аз ҳар гуна адади пешакӣ додашуда калон мебошад. Б. б. к. будани тағьирёбандаи y-ро ба намуди $\lim y = \infty$ ифода мекунанд. Ишорати шартии Б. б. к. ∞ («беинтиҳой») аст. Таъриф Б. б. к.-ро нисбат ба функцияи аргументи x чунин баён мекунанд: функцияи $f(x)$-ро дар атрофи нуқтаи x_0, ҳангоми x ба x_0 майл кардан, Б. б. к. меноманд, агар барои ҳар гуна адади $N > 0$ чунин адади $\delta > 0$ ёфт шавад, ки барои ҳар гуна $x \neq x_0$ дар мавриди $|x - x_0| < \delta$ будан, нобаробарии $|f(x)| > N$ ҷой дорад. Ин хусусият чунин ифода мешавад: $\lim\limits_{x \to x_0} f(x) = \infty$.

БУЗУРГИИ БЕИНТИҲО ХУРД, бузургии тағьирёбандае, ки ҳудуди он ба ноль баробар аст. Барои аёнии мафҳуми Б. б. х. ҳамон процесси тағьирёбиеро, ки дар он бузургии додашуда Б. б. х. мешавад, нишон додан лозим аст. Мас., ҳангоми ба бузургии беинтиҳо калон майл кардани аргумент x бузургии $y = \frac{1}{x}$ Б. б. х. мешавад ва ҳангоми ба ноль майл кардани x он *бузургии беинтиҳо калон* аст. Таъриф Б. б. х.-ро нисбат ба функцияи яктағьирёбанда чунин баён мекунанд: функцияи $f(x)$-ро дар атрофи нуқтаи x_0, ҳангоми x ба x_0 майл кардан, Б. б. х. меноманд, агар барои ҳар гуна адади мусбати $\varepsilon > 0$, чунин адади $\delta > 0$ ёфт шавад, ки барои ҳар гуна $x \neq x_0$ дар мавриди $|x - x_0| < \delta$ будан, нобаробарии $|f(x)| < \varepsilon$ ҷой дорад. Ин хусусият чунин ифода мешавад: $\lim\limits_{x \to x_0} f(x) = 0$. Назарияи Б. б. х. яке аз усулҳои тартиб додани назари-

ин ҳудудҳо ба ҳисоб меравад ва дар таҳлили математикӣ роли муҳим мебозад. Мафҳуми Б. б. х.-ро И. Ньютон (1666) муқаррар кард ва пас аз тадқиқоти О. Коши аз тарафи умум эътироф карда шуд.

БУЗУРГИИ МУТЛАҚи адади ҳақиқии x (ишораш $|x|$), адади ғайриманфиест, ки чунин муайян мешавад: агар адад $x \geqslant 0$ бошад $|x| = x$ аст ва агар адад $x < 0$ бошад $|x| = -x$ аст. Мас., $|+5| = |-5| = 5$; $|0| = 0$. Хосиятҳои Б. м.: $|a| = |-a|$; $|a|^2 = |a^2| = a^2$; $|a| - |b| \leqslant |a+b| \leqslant |a| + |b|$; $|a| - |b| \leqslant |a-b| \leqslant |a| + |b|$; $|a \cdot b| = |a| \cdot |b|$; $\left|\frac{a}{b}\right| = \frac{|a|}{|b|}$ $(b \neq 0)$. Б. м. (ё модул)-и адади комплексии $a + ib$ (a ва b — ададҳои ҳақиқӣ) ба $+\sqrt{a^2+b^2}$ баробар аст. Мас., $|i| = |-i| = 1$; $|4+3i| = 5$.

БУЗУРГИИ ТАСОДУФӢ, дар назарияи эҳтимолият, бузургие, ки вобаста ба тасодуф ин ё он қиматеро бо эҳтимолияти муайян қабул мекунад. Мас., адади холҳое, ки ҳангоми партофтани каъб (шашхол) мебарояд, бузургии тасодуфи мебошад, ки бо эҳтимолияти $^1/_6$ қиматҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6-ро гирифта метавонад. Ду навъи Б. т. мавҷуд аст: 1) бузургии тасодуфии тақсимоти дискретӣ; 2) бузургии тасодуфии бефосила. Б. т.-и дискретӣ ҳар як қимати худро бо эҳтимолияти муайян қабул мекунад. Б. т.-и бефосила комилан бо зичии эҳтимолият тавсиф меёбад.

БУЗУРГИҲОИ БЕАНДОЗА, бузургиҳои физикии ҳосилавӣ, ки ба маротибаи баробар тағйир ёфтани бузургиҳои ҳамчун асосӣ интихобшуда, вобаста нестанд. Мас., агар бузургиҳои дарозӣ L, масса M, вақт T бузургиҳои асосии интихобшуда бошанд ва маротибаи баробар тағйир ёфтани онҳо ба андозаи бузургии додашуда таъсир накунад, андозанокии чунин бузургӣ $L^0M^0T^0 = 1$ мешавад ва он дар ҳамин системаи бузургиҳо беандоза аст. Аз ин рӯ, бузургиҳое, ки ба системаи воҳидҳо дохил нестанд ва ё сурату махраҷашон дар формула андозанокии якхела доранд, Б. б. мебошанд. Мас., кунҷи ҳамвор, тадохули нисбии электрикӣ ва магнитӣ, адади Рейнольдс, коэф. амали муфид ва ғ.Ниг. *Андозанокии бузургиҳои физикӣ*.

БУЗУРГИҲОИ ДОИМӢ ВА ТАҒЙИРЁБАНДА, бузургиҳое, ки ҳодисаҳои табиат ё рафти ягон процесси техникиро тасвир мекунанд. Бузургиҳои доимӣ дар рафти процесс қимати худро собит нигоҳ медоранд, бузургиҳои тағйирёбанда бошанд, ба қиматҳои мухталиф соҳиб мешаванд. Мас., дар ҳаракати мунтазами ростхатта суръат бузургии доимӣ буда, масофа бо мурури замон меафзояд ($s = v \cdot t$). Бузургиҳои доимӣ ҳолати хусусии бузургиҳои тағйирёбанда мебошанд. Дар математика ҷорӣ шудани бузургиҳои тағйирёбанда (а. 17) илмҳои табиатшиносиро ҷаҳиши бузурге дод. Дар натиҷа ҳисоби дифференциалӣ ва интегралӣ, ки аз тадқиқоти Р. Декарт, И. Ньютон, Г. Лейбниц бармеоянд (а. 19), асоси илмӣ пайдо карданд, назарияи ҳудуд ва функцияҳои бефосила ба вуҷуд омад. Аз тарафи дигар на танҳо бузургиҳо, балки элементҳои гуногуни объектҳои математикӣ низ чун бузургиҳои тағйирёбанда тадқиқ мешуданд. Онҳо дар навбати худ назарияи маҷмӯъҳо, топология ва мантиқи математикиро инкишоф доданд. Яъне Б. д. ва т. на фақат адад, балки элементҳои ягон маҷмӯъро низ ифода мекунанд. *В. Я. Стеценко.*

БУЗУРГИҲОИ ЭЛЕКТРИКӢ, ниг. *Қувваи ҷараён, Шиддати электрикӣ, Муқовимати электрикӣ.*

БУЗУРГМЕҲРИ ҚОЙИНӢ بزرگمهر قاینی Абумансур Қосим ибни Иброҳим (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири ниман аввали а. 11 форс-тоҷик. Ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ шеър навиштааст. Б. Қ. дар мадҳи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ як силсила қасидаҳо сурудааст. Вале аз ашъори тоҷикиаш ба ҷуз абьёти пароканда чизе боқи намондааст.

М. Муллоаҳмадов.

БУЗУРГӢ, камият, андоза, миқдор, яке аз мафҳумҳои асосии математика, ки мазмуни он бо инкишофи математика умумият пайдо кардааст. Мафҳуми ибтидоии Б. умумият додани мафҳумҳои конкретӣ (дарозиҳо, сатҳҳо, ҳаҷмҳо ва ғ.) мебошад. Яке аз навъҳои Б.-ҳои додашударо ба сифати воҳид (мас., сантиметрро ба сифати воҳиди дарозӣ) интихоб карда, Б.-ҳои ихтиёрии навъи мазкурро бо ёрии ададе, ки шумораи ҷойгиршавии воҳид (ё қисми он)-ро нишон медиҳад, ифода кардан мумкин аст. Ба маъноии васеътар Б.-и скалярӣ ё скаляр гуфта, объекти дилхоҳеро меноманд, ки бо дода шудани як адад (ҳақиқӣ ё комплексӣ) комилан муайян мешавад. Мас., ҳаҷм, масса, масофа бузургиҳои скалярианд. Мафҳуми умумият гирифтани Б.-ҳои скалярӣ Б.-ҳои векторӣ мебошанд, ки бо қимати ададӣ (дарозии вектор) ва инчунин самт ифода мешаванд. Мас., қувва, суръат, тезшавӣ бузургиҳои векторианд. Дода шудани ягон бузургии векторӣ ба воситаи маҷмӯи Б.-ҳои скалярӣ ифода шуда метавонад. Мас., суръати ҳаракати нуқтаро дар фазо ба воситаи се бузургии скалярӣ (проекцияҳои суръат ба меҳварҳои системаи координатаҳо) ифода кардан мумкин аст. *В. Я. Стеценко.*

БУЗУҚ, деҳа дар С. қ. Чузӣ, р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Ленинград». Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то район 18 км; роҳ мошингард. Аҳол. 648 наф. (1976), тоҷикон. Соҳаи асосии хоҷагӣ — пахтакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обьёрӣ мешаванд.

БУЗҒОЛА, бачаи буз, насли то 4-моҳаи буз. Бузҳои зоти ҷойдорӣ одатан 1—2, нубиягӣ 3—5 сар Б. мезоянд. Вазни Б.-ҳои навзод 1—4,5 кг мешавад. Б.-и навзодро 3—5 рӯз алоҳида нигоҳ медоранд. Аз 10—15-рӯзагӣ бо модабуз ба чаро мебаранд ва аз 3—4-моҳагӣ ҷудо мекунанд.

БУЗҒӮНҶ, бузғинҷ, ғунҷ, ҷинҷак, галла, омоси патологии узвҳои растанӣ, ки онро барангезандаҳо ба вуҷуд меоранд. Б. барои барангезандаҳо муҳити ҳаёт ва манбаи ғизо аст. Б.-и организмҳои бемӯҳра бавуҷудовардаро зооцецидия ва занбӯруғҳо ба амаловардаро микоцецидия меноманд. Шаклгирии Б.-ро галлогенез, барангезандаи онро галоген меғӯянд. Аксари барангезандаҳои Б. ба зироати х. қ. (мас., картошка, карам, ҷуворимакка, анҷиҷар ва ғ.) ва беша зарари калон мерасонанд. Б.-и писта, булут, тутум ва ғ. дар рангуборию даббоғӣ ба кор меравад. Аз Б.-и писта барои рангубори гилем ва ғ. ранги пуштӣ мегиранд. Б.-и пистаро 2 намуди ширинча (Slavum lentiscoides ва Forda hirsuta) ба вуҷуд меоранд.

Бузғунҷи марҷумак (1), бурс (2), себ (3), писта (4, 5), булут (6).

Аз ҳар бех писта то 12 кг Б.-и хушк меғундоранд. Б. 49% моддаҳои қиёмӣ, 38% ғайридаббоғӣ ва 11—45% даббоғӣ дорад. Дар тибби халқӣ Б.-и кӯфта элакӣ кардашударо чун давои исҳол ва ҷароҳати узвҳои ҳозима кор мефармоянд.

Ад.: Нарзиқулов М. Н., Тли Таджикистана и сопредельных республик Средней Азии, дар кит.. Фауна Таджикской ССР, т. 9, в. 1, Д., 1962; Розанов Б. С. ва диг., Плодоводство Таджикистана, Д., 1970.

М. Ҳоҷиматов.

БУКАНТОҒ, массиви кӯҳӣ дар шим. РСС Узб., дар биёбони Қизилқум. Б. аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки дар доманаи он миқдори зиёди олоти сангӣ ёфт шудааст ва мувофиқи фикри мутахассисон ба давраи асри на-

ви санг—*неолит* тааллуқ дорад. Дар байни олоти сангӣ нуклеусҳои хомамонанд, пластинкаҳои борики кордшакл, белчакордҳо ҳастанд. Дар мавзеи Б. зиёда аз 20 кони қадимаи мис маълум аст. Ин шаҳодат медиҳад, ки ноҳияи Б. яке аз марказҳои қадимтарини фулузоти Осиёи Миёна будааст. Ғайр аз ин дар Б. тақрибан 10 кони қадимаи фирӯза кашф шудааст.

Ад.: Литвинский Б. А., Древнейшие страницы горного дела Таджикистана и других республик Средней Азии, Д., 1954. *В. А. Ранов.*

БУЛАВА́ЙО (Bulawayo), шаҳр, маркази саноату тиҷорати Родезияи Ҷанубӣ. Аҳол. 246 ҳаз. наф. (1969). Узели р. о., аэропорташ аҳамияти байналхалқӣ дорад. Б. з-дҳои истеҳсоли мошинҳои х. қ., цемент, коркарди металлҳои ранга, пӯлодгудозӣ, радио, қанд; корхонаҳои хӯрокворӣ, ф-каҳои бофандагӣ дорад. Коллеҷи техникӣ, музей, боғи ботаникӣ ҳаст.

БУЛАНЖЕРИ́Т (аз номи минералоги франс. Буланже), минерал, сульфиди мураккаб. Форм. химияви аш $Pb_5Sb_4S_{11}$. Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ; кристаллҳояш дарози сӯзаншакл. Рангаш хокистарии нуқратоб. Сахтиаш 2,5—3,0; зичиаш 6230 кг/м³. Дар рагҳои маъдандори гидротермалӣ ҳамроҳи минералҳои галенит, сфалерит, антимонит ва ғ. дучор меояд. Конҳои Б. дар Забайкалия, Украина, Ӯзбекистон, Тоҷикистон (дар к-ҳои Қаромазор) мавҷуданд. Аз Б. сурб ҳосил мекунанд.

БУЛБУ́Л (Luscinia), паррандаест аз оилаи *дуҷиҳо*, гурӯҳи гунҷишкон. 10 намуд дорад, аз он 7 намудаш дар СССР ва 3 намудаш дар Европа, Осиё, Америкаи Шимолӣ паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. L. pectoralis ballioni (1) — чаманбулбул, L. megaphycha hafisi (2)—шоҳбулбул ва боз 4 намуди дигари Б. (Irania gutturalis, L. pallidogularis, L. svecica abboti, L. S. tianschanica) вомехӯрад. Қадаш 16—20 см, вазнаш қариб 25 г. Нӯлаш борик, рангаш дорчинии хокистарӣ, ғизояш ҳашарот аст. Б. чун паррандаи мавсимӣ зимистонро дар мамлакатҳои гарм мегузаронад. Дар буттазору ҷангалзор, боғу гулбоғҳо, замин ва шохи растаниҳо лона монда, 4—5 тухм мегузорад. Наринааш хушовоз аст. Дар нағмасарой аз 20 то 40 Б. ҳамовоз мешавад.

Булбул: 1 — чаманбулбул; 2 — шоҳбулбул.

Ад.: Абдусалямов И. А., Фауна Таджикской ССР, т. 19, ч. 2, Птицы, Д., 1971. *И. А. Абдусаломов.*

БУЛБУЛА́, навъи кӯзае, ки ҷумак дорад. Дар байни халқҳои машрикзамин аз қадим маъмул. Як даста дорад. Ҳоло дар Помир, вил. Ленинободу Кӯлоб тайёр мекунанд. Дар Кӯлоб «қулқула» ва дар Помир «қушчак» меӣянд.

БУЛБУЛИ́К, як намуди назми халқии сокинони водии *Вахон* (ба забони вахӣ) мебошад. Б. аз се мисраъ иборат буда, қофиябандиаш ба тарзи «аба» аст. Б.-ҳо ба воситаи нақаротҳои дохилии «Булбулик тар номаме» ё «Булбулик тар хануме» ҳамчун суруд шакл мегиранд. Б. асосан суруди занону духтарон буда, дар он бештар ҳаяҷону изтироби занону духтароне, ки аз шахси наздики худашон ҷудо афтодаанд, ифода мешавад. *Н. Шакармамадов.*

БУЛБУЛЧАШМА, деҳа дар С. қ. Ҳисор, р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Терр. к-зи ба номи К. Маркс. Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то район 12 км; роҳ асфальт. Аҳол. 772 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ—асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор ва д. Хонақоҳ обёрӣ мешаванд.

БУЛЕ́НИ БОЛО́, деҳа дар С. қ. ба номи Исмат Шарифов, р-ни Данғараи вил. Кӯлоб. Аз Б. Б. то маркази С. қ. 9 км, то район 20 км; роҳ асфальт. Аҳол. 711 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа дорад. Филиали комб. хизмати маишии район кор мекунад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ—ғаллакорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ. Аҳолӣ аз оби чашмаҳо истифода мебарад.

БУЛЕ́НИ ПОЁН, деҳа дар С. қ. ба номи Исмат Шарифов, р-ни Данғараи вил. Кӯлоб. Аз Б. П. то маркази С. қ. 15 км, то район ва ст. р. о. камбари Данғара 25 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1195 наф. (1976), тоҷикон. Дар деҳа мактаби миёна, 2 китобхона, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, осиёи электрикӣ, устохонаҳои оҳангарӣ ва чӯббурӣ, магазин, ошхона, филиали комб. хизмати маишии район, з-ди истеҳсоли хӯроки чорво, базаи калони бӯрдоқипарвари район ҳаст. Соҳаҳои хоҷагӣ—чорводорӣ, ғаллакорӣ (гандуму ҷав), зироати полизӣ ва кирмакдорӣ. Заминҳо қисман обёрӣ мешаванд.

БУЛО́Қ, деҳа дар С. қ. Қамишқӯрғон, р-ни Ашти вил. Ленинобод. Терр. с-зҳои ба номи Т. Эрйигитов ва «Съезди 25 КПСС». Аз Б. то маркази С. қ. 5 км, то район 11 км; роҳ асфальт. Аҳол. 670 наф. (1976), тоҷикону ӯзбекҳо. Мактаби миёна, китобхона, клуб, пункти тиббӣ, чойхона, ошхона дорад. Филиали комб. хизмати маишии район (цехҳои пойафзолдӯзӣ, сартарошӣ, оҳангарӣ ва ғ.) кор мекунад. Станцияи чорводорию мелиорацияи чарогоҳҳо (тобеи р-ни Хуҷанд), идораҳои таъмир ва ба истифодадиҳии роҳ, сохтмони станцияи насосии Ашти Калон мавҷуданд. Соҳаҳои хоҷагӣ—чорводорӣ, пахтакорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо ба воситаи насосҳо аз д. Сир обёрӣ мешаванд. Б.— зодгоҳи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Тӯйчӣ Эрйигитов.

БУЛОҚЧИНО́Р, деҳа дар С. қ. Деҳқонобод, р-ни Ҳисори РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Съезди 22 партия». Аз Б. то маркази С. қ. 4 км, то район 5 км, роҳ асфальт. Аҳол. 376 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Б. мактаби ибтидоӣ, магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ—пахтакорӣ. Заминҳо аз Канали Калони Ҳисор обёрӣ мешаванд.

БУЛУНКӮ́Л, кӯл дар Помири Шарқӣ (ВАБК). Дар водии васеи байникӯҳии д. *Иссиқбулоқ* (ҳавзаи д. Ғунд), дар баландии 3767 м аз с. б. воқеъ аст. Масоҳ. 3,4 км², чуқуриаш то 2,6 м. Соҳилҳои Б. пасти ҳамвор, растаниҳои биёбонӣ меӣянд. Кӯҳҳои атроф начандон баланд. Оби кӯл шаффоф, таркибаш миқдори зиёди гидрогенсульфид ва кислотаи карбонат дорад. Тобистон ҳарор. об аз 11° то 18° С, зимистон ях мебандад. Осмонмоҳӣ, баъзан ширмоҳӣ вомехӯрад. Дар назди кӯл маркази с-зи чорводории «Булункӯл» воқеъ аст. Аз с. 1950 бо ҳамин ном ст. обуҳавосанҷӣ кор мекунад. *Ю. С. Усков.*

БУЛУНКӮ́Л, деҳа дар С. қ. Аличур, р-ни Мурғоби ВАБК. Маркази с-зи қутоспарвари «Булункӯл». Аз Б. то маркази С. қ. 36 км, то район 150 км, то роҳи калони Ӯш — Хоруғ 4 км. Аҳол. 173 наф. (1976), қирғизҳо ва тоҷикон. Б. мактаби ибтидоӣ, клуб, пункти тиббӣ, китобхона ва магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ—чорводорӣ.

БУЛУ́Т (Quercus), авлоди дарахт ё буттаҳои хазонрез ва ҳамешасабз, мансуби *шумшодиҳо*. Тақрибан 410 намудаш дар минтақаҳои мӯътадил, субтропикӣ ва тропикии Нимкураи шимолӣ маълум аст. Дар СССР 20 намуди худрӯяш (дар Қисми европой, Шарқи Дур ва Кавказ) ва 43 намуди боғиаш вомехӯрад.

Булут (Quercus robur): 1 — шохчаи гулдор; 2 — шохчаи мевадор; 3 — ҷалғӯза.

Ин-ти ботаникаи АФ РСС Тоҷ. 4 намудашро (Q. robur, Q. castaneifolia, Q. ilex, Q. hartwisiana) барои кабудизоркунии шаҳру ноҳияҳои республика тавсия додааст. Б. барги соддаи рӯ ба рӯи якдигар ҷойгиршудаи паршаклу панҷа-панҷа ва дандонадор, баъзан бедандона, гулҳои майдаи беҷилои якҷинсаю якхонагӣ, гардбаргаи овезаи дароз, мевабаргҳои ало-

ҳида ё якҷои, ҷалғӯза дорад. Баъди 15—60 сол бор меорад. Асосан аз ҷалғӯзааш рушд мекунад. Б. 400—500 сол (баъзе намудҳояш то 2000 сол) месабзад. Чӯби сахт ва хушсифати Б. дар киштию вагон, мебель ва хонасозӣ, наҷҷорӣ ва ғ. истифода мешавад. Аз Q. robur пӯку моддаи даббоғӣ (аз пӯстлох ва чӯбаш) меграванд. Чӯшоби пӯстлохи хушки Q. robur ҳангоми илтиҳоби даҳону ҳалқ, муолиҷаи сӯхтагӣ ва ғ. истифода мешавад; ҷалғӯзааш барои хук ва баъзе диг. ҳайвонот хӯроки хуб ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин ҷалғӯзаи Q. robur-ро дар қаҳватайёркунӣ ҳам истифода мебаранд.

Ад.: Деревья и кустарники СССР, т. 2, М.-Л., 1951; Деревья и кустарники для озеленения Таджикистана, Д., 1965.

БУЛЬДОЗЕР (англ. bulldozer), 1) мошини ҳудгарди заминкан, ки трактори тасмачарх ё чарҳдор буда, қисмҳои кории овеза дорад. Дар сохтану таъмири рох, кофтани ҷӯю канал, заминкушоӣ, маъданканӣ, иншоотҳои агротехникӣ ва дигар корҳои гидротехникӣ ва ғ. истифода мебаранд. Б.-ҳои хокгардонашон тобхӯранда



Намуди умумии бульдозери хокгардонаш тобнахӯранда.

(Д—149, Д—259), тобнахӯранда (Д—157, Д—159, Д—216, Д—244, Д—275, Д—494, Д—535) ва универсали мешаванд. Хокгардони ҳамаи Б.-ҳо бо механизмҳои ҳаракатдиҳандаи гидравликӣ ё электромеханикӣ ҷиҳозонида шудааст. Б.-ро бо қисмҳои ивазшаванда (дандонаҳои нармкунӣ, корд, васеъкунак ва ғ.) низ таъмин мекунанд. Б.-ҳо ба тракторҳои «Беларусь», МТЗ-5К, КД-35, ДТ-54, АС-2, Т-75-С2, С-80, С-100, Т-140 агрегатонида мешавад. 2) мангана (пресс)-и қаткунӣ барои дар штамп бо ёрии мошин (дар ҳолати гарм ё хунук) қат кардани детальҳои ғафсиашон ҳарҳела. Б. асосан кривошипӣ ва гидравликӣ мешавад. Дар истеҳсолоти штампгарӣ ва оҳангарӣ Б.-и кривошипии горизонталӣ бештар паҳн ёштааст. Тавонои чунин Б.-ҳо 0,2—5 Мн (аз 20 то 500 тк) буда, дар як дақиқа 6—20 маротиба ҳаракат мекунад. Барои дар ҳолати гармӣ қат кардани детальҳои борик Б.-ҳои тезҳаракати тавонои ашон 0,2 Мн (20 тк) ва дар як дақиқа 45—60 маротиба ҳаракаткунанда истифода мешаванд.

Намуди умумии пресс-бульдозери кривошипии горизонталӣ.



БУЛҒӮР, навъи чарм, ки аз пӯсти ҳайвони калони шохдор, асп ва хук тайёр мешавад. Барои нарму намногузар шудан Б.-ро бо намакҳои асосии хром ва таннидҳо *даббоғӣ* мекунанд, барои ҳосил кардани ранги матлуб *чарми ҳомро* дар маҳлулҳои рангину моддаҳои ҷилодеҳ мехобонанд. Дар таркиби Б. миқдори чарб бисьёр (то 25%) аст. Аз Б. *пойафзол* ва афзори асп тайёр мекунанд.

БУЛҒӮР (Sophora), авлоди растаниҳои бисьёрсолаи алафӣ, бутта ва дарахти хазонреза ё ҳамешасабз, мансуби *лӯбиёҳо*. Қариб 20 намудаш бештар дар тропикаю субтропика ва дар арзи мӯътадил вомехӯрад. Дар СССР 5 намудаш дучор мешавад. Дар РСС Тоҷ. Б.-и японӣ (S. japonica) чун растании ороишӣ парвариш карда мешавад. Б. барги мураккаби паршакли тоқа, гули сафеду бунафш, гулобӣ ё зард, хӯшагули панча-панча ё тугшакл, ғилофакмеваи цилиндрӣ ё тасбеҳшакл дорад. Б. моҳи июль гул карда, моҳи сент. тухм мебандад. Чӯби Б. бӯртоби сахт аст.

Булғӯри японӣ: 1 — шохчаи гулдор; 2 — мева.

Аз ин рӯ, дар наҷҷорӣ ва ғ. истифода мешавад. Аз гулаш ранги зард меграванд. Б. (S. japonica) алкалоидҳои цитизин, софокарпин, матрин ва ғ. дорад.

Ад.: Лесоразведение в Таджикистане, Сталинабад, 1957. *М. Р. Расулова.*

БУЛҒОРИЯ (България), Республикаи Халқии Булгория, РХБ (Народна Республика България). Б.— давлат дар нимҷаз. Балкан. Дар Ш. бо Баҳри Сиёҳ, Румыния, дар Ғ. бо Югославия, дар Ҷ. бо Юнон ва дар Ҷ. Ш. бо Туркия ҳамсарҳад аст. Масоҳ. қариб 111 ҳаз. км². Аҳол. 8788 ҳаз. наф. (охири 1976). Пойтахташ — София. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 28 округ тақсим мешавад.

Сохти давлатӣ. Б. — давлати социалистӣ. Органи олии ҳокимияти давлатӣ — Маҷлиси халқии якпалатагӣ, ки онро аҳолӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунад. Органи олии доимоамалкунандаи ҳокимияти давлатӣ — Совети давлатӣ, ки онро Маҷлиси халқӣ интихоб мекунад. Органи олии иҷроия ва амрдиҳандаи ҳокимияти давлатӣ—ҳукумат (Совети Вазирон) буда, онро Маҷлиси халқӣ ташкил мекунад. Органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ советҳои халқии округӣ, районӣ (дар София) ва общинагӣ мебошанд. Системаи судӣ: Суди олӣ, судҳои округӣ ва халқӣ. Прокурори калони РХБ аз тарафи Маҷлиси халқӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешавад.

Табиат. Б. дар минтақаи мӯътадил ҷой гирифта, аз ҷиҳати шароити табиӣ ноҳияи мобайнии Европаи Шарқӣ ва Марказӣ мебошад. Дар ноҳияҳои шимолии Б. ҳамвории сертеппаи Дунай воқеъ аст, ки он дар водии Дунай ба баландӣ (то 100 м) ва дар Ш. ба пуштакӯҳи Добруҷа табдил меёбад. Дар Ҷ.-и ҳамворӣ к-ҳои Стара-Планина (к-ҳои Балкан, баландиашон то 2376 м) воқеъ гаштаанд, ки Б.-ро аз Ғ. ба Ш. бурида меҳузаранд. Дар байни Стара-Планина ва Средна-Гора якчанд хамиҳо (Қазонлик ва ғ.), ҷанубтари онҳо к-ҳои Рила (к. Мусала, қуллааш 2925 м), Пирин ва Родоп ҷой гирифтаанд. Дар ноҳияҳои марказии Б. аз Ҷ. Ш. пастии Фракияи Боло ва як қисми к-ҳои Истранча воқеанд. Қариб 1/3 сатҳи Б.-ро кӯҳҳо ишғол кардаанд. Сарватҳои зеризаминӣ: ангишт, маъдани оҳан, маъдани сурбу рух, мис, намак, нефть, обҳои минералӣ, масолеҳи бинокорӣ. Иқлимаш мӯътадили бештар континентӣ. Ҳарор. миёнаи янв. дар қисми зиёди мамлакат аз —2° С дар Ш. то 2° С дар Ҷ. (дар кӯҳҳо то —10°), июль то 25° С. Боришоти солона дар пастиҳо 450—600 мм, дар кӯҳҳо 850—1300 мм аст. Дар Б. дарьёҳо бисьёр бошанд ҳам, танҳо Дунай киштигард аст. Д-ҳои калон (ғайр аз Дунай): Марица, Искыр, Янтра, Места, Струма. Кӯлҳо каманд. Дар Б. бештар аз 500 чашмаи минералӣ ҳаст. Хокҳои хокистарӣ, ҷангалӣ, сиёҳ ва дар Ҷ. дорчинӣ бештаранд. Ҷангал қариб 3,7 млн га (1968). Бешаи дарахтони паҳнбарг (булут, момроз, шамшод) 75,3%-ро ташкил медиҳад. Кӯҳҳоро навъҳои гуногуни дарахтони сӯзанбарг, аз ҷумла коҷ, санавбар, шамшод ва ғ. пӯшондаанд.



1. Дарьёи Дунай дар назди ш. Никополь. 2. Харсангҳои Белоградчик дар қисми ғарбии Стара-Планина. 3. Нишебиҳои ҷанубии кӯҳҳои Стара-Планина ва канори пастхамии Қазонлик. 4. Қуллаи Вихрен дар кӯҳҳои Пирин. 5. Шоҳаҳои ҷанубии силсилаи кӯҳҳои Пирин дар наздикии ш. Мелник. 6. Соҳили Баҳри Сиёҳ дар шимолу ҷанубии ш. Бургас (Соҳили Офтобӣ).

Марғзорҳои камбориши субальпӣ ва альпӣ мавҷуданд. Дар ҷангалзор гавазн, оҳу, хонгул, бузи кӯҳӣ, гуроз, дар кӯҳҳо хази сиёҳ, қашқалдоқ, гург, рӯбоҳ, санҷоб, харгӯш, дар ноҳияҳои беҷангали шимол юрмон, хази ҷилодор, кӯрмуш ва ғ. вомехӯранд. Олами парранда гон бой аст. Хазандагони гуногун, хусусан дар Ҷ. бисьёранд. Аз Баҳри Сиёҳ пеламида, скумбрия, кефаль, суфрамоҳӣ, аз Дунай севрюга, судак, заҳорамоҳӣ сайд мекунанд.

Аҳолӣ. Қисми асосии аҳолӣ булғорҳо; гурӯҳҳои ақаллияти миллӣ — туркҳо, лӯлиҳо; дар шаҳрҳои калон арманиҳо, русҳо ва яҳудиён, дар шаҳрҳои назди Баҳри Сиёҳ юнониҳо низ зиндагӣ мекунанд. Афзоиши табиии аҳолӣ дар як сол 0,7—0,8%. Зичии миёнаи аҳолӣ — дар 1 км² қариб 79 наф. (1975), дар пастии Фракияи Боло ва қисми марказии Б.-и Шимолӣ дар 1 км² бештар аз 100 наф. Дар с-ҳои 1946—74 аҳолии шаҳр аз 25% то ба 58,8% расид. Ш-ҳои калонтарин: София (970 ҳаз. наф., ох. 1975), Пловдив, Варна, Русе, Бургас, Стара-Загора, Плевен. Забони давлатӣ—булғорӣ. Дар байни диндорон православҳо бештаранд.

Очерки таърихӣ. Терр. Б. аз давраи палеолит аҳолинишин аст. Дар Б. дар асри биринҷӣ якчанд иқоматгоҳҳо ба вуҷуд омад. Эҳтимол, он вақт одамон бо чорводорӣ машғул буданд. Охири асри биринҷӣ ва ибтидои асри оҳан дар Б. қабилаҳои ҳиндуевропой сокин буданд, ки сарчашмаҳои юнонии а-ҳои 8—6 то м. онҳоро фракиягӣ номидаанд. Таъсири колонияҳои юнонӣ ба қабилаҳои фракиягӣ калон аст. Ташаккули ҷамъияти синфӣ дар байни фракиягиён оғоз ёфт ва нахустин давлат (подшоҳии Одрис) ибтидои а. 5 пайдо шуд. Ибтидои а. 6 қабилаҳои славян ба ин сарзамин сар даровардаанд. Славянҳои дар Б. сокиншуда зироаткор буданд. Процесси пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар байни онҳо нимаи дуюми а. 7 сар шуд. Дар ҳамин асос иттифоқи ҳафт қабилаи славян ба вуҷуд омад, ки он дар Балкан нахустин иттиҳодияи давлатии славянҳо буд. С-ҳои 70-уми а. 7 аз Бессарабияи Ҷанубӣ протобулғорҳо ба терр. Б. даромаданд. Армияи протобулғорҳо бо сардории хон Аспарух лашкари Византияро торумор кард. Аспарух сардори давлати булғории славянҳо шуд, ки он Б. ном гирифт (680) ва ш. Плиска пойтахти он гардид. Воҳеаҳои асосии ҳаёти сиёсии Б. ба муносибати он бо Византия вобаста шуд. Дар аҳди хон Крум (803—814 ҳукм рондааст) аъёну ашроф хоқонии Аварро торумор кард. Заминҳои нав забт шуданд, қӯшунҳои Б. то Константинополь расиданд. Процесси славянкунонидани давлат ҷараён дошт. С. 894 алифбои славянӣ ҷорӣ гардид, ки онро бародарон Кирилл ва Мефодий тартиб дода буданд. Забони славянӣ забони калисо ва давлат гардид. То охири а. 9 дар Б. синфҳои асосии ҷамъияти феодалӣ ташаккул ёфтанд; шаҳрҳои феодалӣ ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи ҷангҳои подшоҳ Симеон (893—927 ҳукм рондааст) ба муқобили Византия терр. Б. хеле афзуд. Калисои Б. мустақил шуд. Аз сабаби дар нимаи якуми а. 10 афзудани истисмори деҳқонон ҳаракатҳои пурзӯри зиддифеодалии деҳқонон ба вуҷуд омада, ба худ шакли бидъати динӣ гирифтанд. С-ҳои 968—971 Б. ба арсаи ҷанги Россияю Византия табдил ёфт. Ба терр. Б. қӯшунҳои Святослав Игоревич, баъд қӯшунҳои императори Византия Иоанн Цимисхий зада даромаданд. С. 1018 византиягиҳо подшоҳии Б.-и Ғарбиро ба худ тобеъ карданд ва Б. ба музофоти Византия табдил ёфт. Халқи булғор дар даҳсолаҳои аввали асорати Византия ба муборизаи қатъии озодихоҳӣ бархост (шӯриши Пётр Делян, 1040). Шӯриши қалони зидди ҳукмронии Византия (1185—87) ба зулми аҷнабиён хотима дод ва давлати нави Б.-ро ташкил намуд. Шаҳрҳо тараққӣ карда, ба маркази ҳунармандию савдо табдил ёфтанд. Муборизаи синфӣ аз нимаи 2-юми а. 13 тезу тунд шуда, муборизаи партияҳои болярӣ шиддат гирифт. Ин боиси тез-тез ивазшавии подшоҳони Б. гардид. Б.-и заифшуда маҷбур гардид, ки ба Боту боҷ диҳад ва ба Нӯғай тобеъ шуд (охири а. 13 ва ибтидои а. 14). С. 1396 Б.-ро туркҳо забт ва ба ҳайати империяи Усмонӣ даровардаанд. Яке аз оқибатҳои ҳукмронии туркҳо оммавӣ мусулмонкунонии булғорҳо буд. Зулми аҷнабиён аз рӯзҳои аввал ба муқобилати сахти халқи булғор дучор шуд. Империяи Усмонӣ аз нимаи 2-юми а. 16 сар карда рӯ ба таназзул ниҳод. Якчанд шӯришҳои калони зидди туркҳо ба вуқӯъ омаданд (шӯришҳои Тырново 1598, 1686, шӯриши Чипрово 1688 ва ғ.). Дар ибтидои а. 17 савдои байни шаҳру деҳот вусъат ёфта, ба шаҳрҳо кӯчидани аҳолии деҳот зиёд шуд. Дар а. 18 ва ибтидои а. 19 дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданиии халқи булғор дигаргуниҳо ба амал омаданд. Баробари инкишофи муносибатҳои молию пулӣ характери истисмори деҳқонон тағьир ёфт. Ҷои рентаи коркардадиҳиро чорьяккорӣ, оброк ва рентаи пулӣ гирифтанд. С-ҳои 30-юм Туркия дар мулкҳои худ ба ғуззорондани ислоҳоти аграрӣ шурӯъ кард. Фаъолияти маорифпарварони бузурги булғор ба ташаккули миллати булғор, ки дар охири а. 18 сар шуда буд, мусоидат кард. Аз с-ҳои 40-уми а. 19 равобити

Б. бо Россия мустаҳкам шуд ва таъсири он ба инкишофи маданияти Б. афзуд. Ҷангҳои Россияю Туркия (а-ҳои 18—19) бонси вусъати муборизаи озодиҳоҳии булғорҳо гардид. Ҷанги Россияю Туркия (1877—78), ки дар он армияи рус ғолиб омад, Б.-ро аз асорати Усмониён озод кард. Шартномаи сулҳи Сан-Стефано (1878) барпо намудани давлати ҳақиқатан мустақили Б.-ро пешбинӣ кард. Австро-Венгрия ва Британияи Кабир аз пурзӯршавии таъсири русҳо дар нимҷаз. Балкан ҳаросида, бо мадади Германия аз нав дида баромадани шартҳои сулҳномаро талаб карданд, ки дар натиҷаи он Б.-и озодшуда ба қисмҳо тақсим карда шуд. С. 1855 Конгресси Берлин ба ҷудоии мамлакат, ки ба тараққиёти иқтисодиёти миллӣ халал мерасонд, хотима гузошт. Дар натиҷаи шӯриши Пловдив (6 сент. 1885) Румелияи шарқӣ бо князии Булғория аз нав муттаҳид шуд. Ин ба ҷанги Сербияю Булғория сабаб гардид, ки Б. дар он ғалаба кард. С. 1896 муносибатҳои дипломатӣ бо Россия аз нав барқарор гардиданд. Нахустин ташкилотҳои касабавии коргарон ба вуҷуд омаданд. Аз миёнаи с-ҳои 80-уми а. 19 Д. Благоев таргиби ғояҳои социализмро дар Б. вусъат дод. С. 1891 Партияи с.-д. Б., аз с. 1894 — Партияи с.-д. коргарии Б., с. 1899 Иттифоқи халқии деҳқонони Б. таъсис ёфтанд. Дар натиҷаи ҷанги якуми Балкан, ки окт. 1912 сар шуд, Б., Сербия, Юнон ва Черногория қисми зиёди ҳудуди ҳудро аз туркҳо озод карданд. Дар давраи ҷанги дуюми Балкан (июнь-авг. 1913) Б. на танҳо қариб тамоми заминҳои дар натиҷаи ҷанги якуми Балкан ба дастовардаш, балки як қисми терр. пештараи ҳудро низ аз даст дод. 1 окт. 1915 Б. ҳамчун тарафдори Германия ба ҷанги якуми ҷаҳонии 1914—18 ҳамроҳ шуд. Рев. Каб. Соц. Октябрь дар Россия ба Б. таъсири бузурги революционӣ расонид. Корпартоии коргарон авҷ гирифта, норозигии деҳқонон афзуд. Бӯҳрони революционӣ дар мамлакат пухта мерасид. 14—18 сент. 1918 шӯриши солдатҳои Владай сар зад, ки дар рафти он 27 сент. 1918 республика эълон карда шуд.

Партияи социалистҳои муттафиқ (теснякҳо) ба ҳаракати омма сардорӣ карда, моҳи март дар таъсиси Интернационали Коммунистӣ иштирок намуд. Маи 1919 партияи теснякҳо дар съезди 22-юми ҳуд Партияи Коммунистии Булғория (социалистони муттафиқ)—ПКБ (с. м.) ном гирифт. С-ҳои 1919—20 дар Б. вазъияти ба ҳуд хосе ба вуҷуд омад: пролетариат ҳанӯз ҳокимиятро ба дасти ҳуд гирифта наметавонист, қувва ва таъсири сиёсии буржуазия футур рафта буд. Идораи мамлакат ба дасти Иттифоқи халқии деҳқонони Б. гузашт. 9 июни 1923 табаддулоти фашистӣ ба амал омада, ҳокимиятро диктатураи фашистӣ (бо сардории А. Цанков) ба дасти ҳуд гирифт. 23 сент. бо роҳбарии ПКБ (с. м.) Шӯриши сентябрии зиддифашистии с. 1923 оғоз ёфт, аммо он пахш карда шуд. Авҷи нави муборизаи меҳнаткашон июни 1931 фронти диктатураи фашистиро рахна кард: партияи ҳукмрони фашистӣ дар интихобот шикаст хӯрд. 19 мае 1934 дар Б. табаддулоти нави давлатӣ ба амал омада, диктатураи ҳарбӣ-фашистӣ барқарор шуд. ПКБ (с. м.) бо сардории Г. Димитров сиёсати нодурусти сектантҳои «чап»-ро бартараф карда, сиёсати мустаҳкам кардани алоқаро бо омма, ташкили ҳаракати Фронти халқиро дар муборизаи бар зидди хавфи ҷанг, барои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо СССР, барои мухофизати озодиҳои демократӣ ва истиқлолияти миллӣ пеш гирифт. Баробари сар шудани ҷанги дуюми ҷаҳонии 1939—45 ҳукумати Б., бо вуҷуди он, ки ҳудро бетараф эълон карда буд, ҳамкориро бо Германияи фашистӣ вусъат дод. 1 марти 1941 дар бораи ба блоки давлатҳои фашистӣ ҳамроҳ шудани Б. созишномаи Вена ба имзо расид; қӯшунҳои немис ба ҳоки Б. даромаданд. Халқи булғор ба сиёсати хиёнаткоронаи фармонфармоёни фашистӣ тан додан намехост. Июли 1941 нахустин четаи (отряди) партизанӣ ташкил ёфт. С. 1942 бо ташаббуси Г. Димитров ва роҳбарии Партияи Коргарии Б. Фронти ватанӣ (ФВ) ташкил гардид. 8 сент. 1944 Армияи Сонетӣ ба ҳоки Б. даромад. 9 сент. халқи булғор режими фашистиро сарнагун кард. Ҳокимият аммалан ба дасти синфи коргару деҳқонони меҳнаткаш гузашт. Бо сардории К. Георгиев ҳукумати Фронти ватанӣ ташкил ёфт. 28 окт. 1944 дар Москва намояндагони СССР, Британияи Кабир ва ШМА ба созишномаи сулҳ бо Б. имзо карданд. Дар мамлакат дигаргунсозиҳои куллии демократӣ ба амал бароварда шуданд. 15 сент. 1946 Б. Республикаи халқӣ эълон шуда, 22 нояб. 1946 бо сардории Г. Димитров ҳукумати нави ФВ ташкил ёфт. Моҳҳои май-авг. 1948 ПКБ(к) дар асоси принципҳои идеологӣ ва ташкилии марксистӣ-ленинӣ бо Партияи коргарии с.-д.-и Булғория як шуд. Съезди 5-уми партияи Коммунистӣ, ки дек. 1948 барпо гардид, номи пештараи он — Партияи коммунистии Б.-ро аз нав барқарор кард. Меҳнаткашони Б. бо роҳбарии ПКБ дар тараққиёти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. Сиёсати хориҷии РХБ сиёсати ҳамзистии осоишта бо давлатҳои сохти иҷтимоиашон гуногун, сиёсати сулҳ ва дӯстии байни халқҳо мебошад. Б. аз с. 1958 ба марҳалаи буньёди ҷамъияти мутараққии социалистӣ, вусъати демократияи социалистӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҷамъияти дохил шуд. Б. аъзои ТДМ (аз дек. 1955) буда, бо 105 мамлакат (1976) муносибати дипломатӣ ва бо 111 мамлакат алоқаи тиҷоратӣ дорад. Иштирокчии Шартномаи Варшава мебошад. С. 1967 Б. бо СССР, РХП, РДГ, РХМ, 1968 бо РСЧС, с. 1969 бо РХВ, с. 1970 бо РСР доир ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ шартномаҳои нав имзо кард. С. 1972 бо Бангладеш (янв.) ва

1 София. Дар марказ — калисои Александр Невский. 2. Варна. Манзараи шаҳр. 3. Велико-Тырново. Як қисми шаҳр. 4. Пловдив. Маҳаллаҳои соҳили д. Марица.

1591 1592 1593

Австралия, Покистон (март) ва Заир (авг.) муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монд.

Партияҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва диг. ташкилотҳои ҷамъиятӣ. *Партияи коммунистии Булғория* (ПКБ). Ба он с. 1891 баробари ташкил ёфтани Партияи с.-д.-и коргарии Булғория асос гузошта шуда буд. Аз с. 1903 Партияи с.-д.-и коргарии Булғория номида шуд; аз с. 1919 — ПКБ. Иттифоқи халқии деҳқонони Булғория. С. 1899 таъсис ёфтааст. Иттифоқҳои касабаи Б. охири а. 19 — ибтидои а. 20 ба вуҷуд омадаанд. Иттифоқи димитровии коммунистии ҷавонон, дек. 1947 ташкил ёфтаааст. Комитети Умумихалқии дӯстии Булғория — СССР. Фронти ватанӣ (ФВ), ташкилоти оммавии ҷамъиятию сиёсӣ, аз с. 1942 вуҷуд дорад.

Хоҷагии халқ. Б. дар солҳои сохтмони социалистӣ аз мамлакати аграрӣ ба мамлакати индустриявию аграрии дорои саноати мутараққии ҳозиразамон ва х. қ. калони механиконидашуда табдил ёфт. Вазни қиёсии сектори социалистӣ (1970) дар даромади миллӣ 99,7%, дар маҳсулоти умумии саноат 99,6% ва х. қ. 99,8%-ро ташкил дод. Ҳаҷми маҳсулоти саноат с. 1973 назар ба 1939-ум 43 баробар, маҳсулоти х. қ. 2,1 баробар афзуд. С. 1972 ҳиссаи саноат дар маҳсулоти муштараки ҷамъиятии саноат ва х. қ. 81% буд. Дар шароити хоҷагии планӣ ба туфайли суръати баланди тараққиёти соҳаҳои саноати вазнин истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот назар ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ афзуд. Бо вуҷуди ин саноати сабук ва хӯрокворӣ ҳанӯз дар иқтисодиёти мамлакат роли муҳим мебозанд, махсусан истеҳсоли консерви меваю сабзавот, тамоку, шароб барои экспорт аҳамияти калон доранд. Дар рафти индустрикунонӣ барои тараққии металлургияи сиёҳ ва ранга, мошинсозӣ, электротехника, саноати химия ва энергетика асос гузошта шуд. Металлургияи сиёҳ дар ноҳияи София (комб-ҳои Кремиковцы, Перник) ҷой гирифтааст. Металлургияи ранга аз комб-ҳои сурбу руҳ (дар Кирҷали ва мавзеи Пловдив) ва мисгудозӣ (мавзеи Златицы) иборат аст. Киштисозӣ (Варна), истеҳсоли таҷҳизоти ҳамлу нақл ва электрикӣ аҳамияти калони экспортӣ доранд. Марказҳои асосии мошинсозӣ: София, Русе, Варна, Бургас, Габрово, Ловеч, Пловдив, Шумен. Бо ёрии СССР дар Б. саноати химия (корхонаҳои истеҳсоли нурӣ дар Димитровград, Стара-Загора, Враца) ба вуҷуд омада, ба саноати софкории нефть ва химияи нефть асос гузошта шуд (комб. назди Бургас, з-дҳои Ямбол, Пловдив ва диг.). Саноати чӯбу тахта корхонаҳои зиёд дорад. Дар соҳаҳои бофандагӣ истеҳсоли газвори пахтагӣ бештар тараққӣ кардааст.

Х. қ. мамлакатро бо хӯрокворӣ ва саноати хӯрокворию сабукро бо ашёи хом таъмин мекунад. Бештар аз 52% замини мамлакат киштзор аст, қариб 1 млн га обьёрӣ карда мешавад. Ғаллакорӣ ривоҷ ёфта, зироати асосӣ гандум, чуворимакка ва ҷав мебошад. Вазни қиёсии зироати техникӣ (тамокуи хушсифат, пахта, офтобпараст, лаблабуи қанд) ва сабзавот (помидор, қаламфур, пиёз ва г.) зиёд аст (14%). Зироати равғани эфирдор (гули садбарг, пудина, лаванда) парвариш карда мешавад. Б. аз ҷиҳати гулпарварӣ, истеҳсол ва экспорти равғани пурқимати гул (соле бештар аз 1 т) дар ҷаҳон ҷои якумро мегирад. Дар Б. боғу токдорӣ хеле тараққӣ кардааст. Чорводорӣ, мувофиқи структураи саршумори чорво, ба мамлакатҳои диг. Европаи Ҷанубӣ наздик аст. Б. қариб 10 млн сар гӯсфанд (охири с. 1976) ва 1787 ҳаз. сар гов дорад. Бандари асосии моҳигирӣ — Бургас.

Дар ҳамлу нақли дохилӣ нақлиёти р. о. ва автомобиль роли калон мебозанд. Тӯли р.-ҳои о. бештар аз 6 ҳаз. км аст. Роҳҳои шоссе — 31 ҳаз. км. Флоти баҳрӣ тараққӣ кардааст. Бандарҳои асосӣ: Варна ва Бургас дар Баҳри Сиёҳ, Русе, Свиштов ва Лом дар Дунай ва диг. С. 1972 муомилоти савдои берунӣ 10,5%, аз ҷумла экспорт 10,1% афзуд. Дар импорт ҷои якумро мошину таҷҳизоти саноатӣ, ҷои дуюмро ашёи хоми саноат ва сӯзишворӣ мегирад; дар экспорт ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ афзуда, ҳиссаи маҳсулоти х. қ. кам шуд; меваи тару тоза ва сабзавот экспорт карда мешавад. Б. ба хориҷа электро ва мотокара, электротельфер, электромотор, киштӣ, дастгоҳ, мошинҳои х. қ., аккумулятор ва г. мебарорад. Дар муомилоти савдои берунии Б. вазни қиёсии СССР қариб 55,5% аст (ҳамаи мамлакатҳои социалистӣ — 80%, 1975). Б. аъзои Совети ёрии байниҳамдигарии иқтисодӣ (СЭВ), иштирокчии интеграцияи иқтисодии социалистӣ мебошад. Воҳиди пул — лев (100 лев = 76,92 сӯм; февр. 1978).

Қувваҳои мусаллаҳ. Қувваҳои мусаллаҳи РХБ аз қӯшунҳои хушкигард, муҳофизати зидди ҳуҷуми ҳавоӣ, ҚҲҲ, ФҲБ ва қӯшунҳои сарҳадӣ иборат буда, ба вазири мудофиаи халқӣ тобеанд. Армияи халқии Булғория (АХБ) бо техникаи ҳозиразамони ҷангӣ мусаллаҳ аст. АХБ аз вақти таъсиси ташкилоти Шартномаи Варшава (1965) то ҳол дар тадбирҳои якҷояи мустаҳкам кардани иқтидори қувваҳои муттаҳидаи мусаллаҳ дар роҳи таъмини сулҳ ва бе-

1. Ҳавлии даруни дайри Рильск. 1816—60. 2. Ф. Фельнер, Г. Хельмер. Театри халқии бо номи И. Вазов дар София. 1904. 3. А. Н. Померанцев. Маъбадёдгории Александр Невский дар София. 1904—12. 4. Г. Овчаров, Р. Рибаров. Мавзолеи Г. Димитров дар София. 1949. 5. Микрорайони Боғи ғарбӣ дар София. Солҳои 60-ум. 6. Н. Ненов ва диг. Комплекси курорти Албен дар наздикиҳои «Золотые пески». Солҳои 60-ум.

хатарии Европа фаъолона иштирок дорад. Омӯзишгоҳҳои олии ҳарбӣ ва Академияи ҳарбии ба номи Г. С. Раковский кадрҳои офицерӣ тайёр мекунанд. Мӯҳлати хизмати ҳарбӣ 2 сол (дар флоти баҳрӣ 3 сол) буда, ба сафи армия ҷавонони 19-сола даъват мешаванд.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1972 дар Б. ба 1000 наф. аҳолӣ 15,3 таваллуд, 9,8 фавт, 26,2 фавти кӯдакон рост омад. Дарозии умр ба ҳисоби миёна 70,7 сол (мардон 68,8, занон 72,7). С. 1972 дар мамлакат 193 беморхонаи дорои 60171 кат (7,8 кат ба 1000 наф.) буда, ба аҳолӣ 3623 муассисаи табобатӣ, аз ҷумла 3200 муассисаи табобатии деҳот, 61 диспансери тахсиснуда ёрии амбулаторию поликлиникӣ ва г. мерасонданд. С. 1970 дар марказҳои саноатӣ ва корхонаҳои Б. 50 поликлиникаи коргарӣ, 175 пункти тандурустӣ, 7 диспансери муборизаи зидди селикоз мавҷуд буданд. С. 1972 дар Б. 179 санатория, 17000 духтур (1 духтур ба 530 наф.), 3,3 ҳаз. духтури дандон, 2,6 ҳаз. фармацевт ва 53,0 ҳаз. коркуни миёнаи тиб (ҳамшираи тиббӣ, момодоя) кор мекарданд. Фак-тҳои тиббии 3 ун-т (София, Пловдив, Варна) духтуру фармацевт тайёр мекунанд.

Маориф, муассисаҳои илмӣ ва маданӣ-маърифатӣ. Маорифи халқ баъди барқароршавии сохти халқии демократӣ (1944) дар асоси принципҳои демократӣ нав карда шуд. Мувофиқи қонуни с. 1959 таълими ҳатмии 8-сола ҷорӣ гардид. Системаи маориф боғчаҳои бачагон (3—7-сола), мактаби ибтидоии 4-сола, мактаби асосии 8-сола, прогимназия (синфҳои 5—8), гимназия (синфҳои 9—11), мактаби миёнаи пурраи маълумоти умумии политехникии 11-соларо дарбар мегирад. Омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, техникумҳо, омӯзишгоҳҳои санъат, донишкадаҳои олии нопурра (2—3-сола) ва олӣ (4—6-сола) мавҷуданд. Соли таҳсили 1972/73 дар Б. 27 мактаби олӣ буд. Мактабҳои олии калонтарин: Ун-ти София ба номи Климент Охридский; ин-тҳои электротехникӣ, тиббӣ, иқтисодӣ, х. қ. (дар София), ҳоҷагии халқ, электротехникӣ (дар Варна), х. қ., хӯроквори (дар Пловдив) ва г. Китобхонаҳои калонтарин: Китобхонаи халқии ба номи Кирилл ва Мефодий, китобхонаи Ун-ти София, китобхонаи АФ Булғория, Китобхонаи халқии ба номи Вазов. Музейҳои асосӣ: Нигористони миллии бадеӣ, Музеи этнографӣ ва археологӣ, Музеи ҳаракати революционии Б., хона-музейҳои Д. Благоев, И. Вазов, Музеи марказии Г. Димитров, Музеи ҳарбию таъриҳӣ. Маркази илмии Б. Академияи фанҳо (АФБ) мебошад, ки дорои 33 ин-ти тадқиқотии илмӣ аст. АФ-ҳои х. қ. (таъсисаш 1961) тадқиқотҳои илмиро доир ба х. қ. мутобиқ



1. «Князхонум Десислава». Сурати рӯи девори калисои деҳаи Боян. 1259. 2. Х. Станчев. «Дар кишт зор». 1936. 3. И. Лазаров. «Фаррош». Андезит. 1947. 4. Ҷ. Лавренов. «Пловдиви кӯҳна». 1946.

мекунад. С. 1959 Комитети давлатӣ оид ба илму прогресси техникӣ ташкил шуд, ки як қатор ин-тҳоро дарбар мегирад. Дар Б. 368 муассисаи илмӣ ҳаст, ки аз онҳо 237-тоаш дар назди вазоратҳои гуногунанд. 5 ин-ти тадқиқоти илмӣ дар соҳаи химия ва 8 ин-т дар соҳаи геология, геодезия, металлургияи ранга ва сиёҳ кор мебаранд.

Матбуот, радио, телевизион. Матбуоти даврии Б. с-ҳои 40-уми а. 19 ба вуҷуд омад. Инкишофи матбуоти даврӣ дар дохили мамлакат аз с. 1878 оғоз ёфт. С. 1973 дар Б. 766 газета, 245 журнал ва 718 бюллетень чоп мешуд. Газетаҳои муҳимтарин: «Работническо дело» (аз с. 1927), органи КМ ПКБ; «Земледелско знаме» (аз 1902), органи Иттифоқи халқии деҳқонони Б.; «Отечествен фронт» (аз с. 1942), органи ФВ; «Труд» (аз с. 1946), органи Совети марказии иттифоқҳои касаба; «Народна младеж» (аз с. 1944), органи КМ Иттифоқи димитровии коммунистии ҷавонон. Журналҳо: «Ново време» (аз 1897), «Партиен живот» (аз 1957), ҳар ду органи КМ ПКБ; «Младеж» (аз 1945), органи КМ ИДКҶ, «Жената днес» (аз 1945), органи Комитети занони Б. ва г. Дар София радиостанцияи марказӣ, дар Варна, Пловдив, Стара-Загора радиостанцияҳои райони ҳастанд. Радиои дохилӣ ба забони булғорӣ аз рӯи 3 программаи миллӣ ва 4 программаи районӣ ва программаи махсус барои пойтахт хабарҳо мешунавонад. Программаи хориҷӣ ба забонҳои булғорӣ, русӣ, юнонӣ, туркӣ, сербӣ-хорватӣ, арабӣ, англисӣ, немисӣ, италиявӣ, испанӣ ва эсперанто бурда мешавад. Намоишҳои мунтазами телевизион аз нояб. 1959 оғоз ёфтаанд.

Адабиёт. Адабиёти Б. дар нимаи 2-юми а. 9 ба вуҷуд омадааст. Адабиёти қадими булғор (а-ҳои 9—12) бештар характери калисой-дидактикӣ дошта, ба инкишофи он эҷодиёти бои даҳанакии халқ мусоидат кард. Аз охири а. 14 ва дар давоми чандин аср асорати туркҳо ба инкишофи адабиёт монеъ шуд. Эҳьёи миллии Б., ки дар нимаи 2-юми а. 18 оғоз ёфт, дар инкишофи адабиёт ҳам давраи нав буд. Маорифпарварони барҷаста Паисий Хилендарский, Софроний Врачанский ҳамчун нависанда низ шӯҳрат доштанд. Адабиёти миллӣ дар с-ҳои 60—70-уми а. 19 ташаккул ёфт. Дар ташаккули он адабиёти рус роли калон бозид. Равияҳои сентиментализм, романтизм пайдо шуда бошанд ҳам, ба ҷараёнҳои муайян табдил наёфта буданд. Минбаъд реализм методи асосӣ мегардад (эҷо-

диёти Л. Каравелов, П. Р. Славейков, *Вазови* ҷавон, шоири лирик Ботев). Аз охири с-ҳои 70-ум дар адабиёт процесси ҷудоии идеявӣ-эстетикӣ ба амал омад. Реализми танқидӣ хеле инкишоф ёфта, дар с-ҳои 90-ум гулгул шукуфт. Хонахаробии деҳқонон яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти нависандагони реалистии охири а. 19 ва ибтидои а. 20 буд; дар назму наср образи деҳқони исьёнгар ба вуҷуд меояд. Тавлиди адабиёти пролетарӣ ба охири а. 19 ва ибтидои а. 20 таллуқ дорад. Дар назми Д. Полянов ва насри Г. Кирков бори нахуст образи қаҳрамони нави мусбат—коргар, социалист офарида мешавад. Дар зери таъсири Рев. Каб. Соц. Октябрь дар Россия ва воқеаҳои революционӣ дар Б. дар адабиёти Б. тағьироти куллӣ ба амал омад. Символизм ҳамчун ҷараён барҳам хӯрд. Бисьёр шоирон ба лагери адабиёти революционӣ гузаштанд. Назми навоваронаи Н. *Вапцаров* дар инкишофи реализми социалистӣ марҳалаи нав буд. Мавзӯъҳои зиддифашистӣ дар эҷодиёти А. Страшимиров (романи «Хоровод», 1926), Л. Стоянов (мақолаҳои публицистӣ, ҳикоя ва повестьҳо) мақоми махсус дорад. Баъд аз ғалабаи революцияи халқӣ-демократӣ (1944) дар назди адабиёти Б. вазифаҳои наве ба миён омаданд, ки аз иштироки фаъолона дар сохтмони социалистӣ иборат буданд, гуногунии жанру услуб хос шуда монд. Дар бораи муборизаи халқи булғор бар зидди зулми капиталистӣ ва фашизм ҷангномаҳо эҷод шуданд: «Тамоку»-и Д. Димов (1951), «Одамони оддӣ»-и Г. Караславов (1951—62) ва диг. Дар охири с-ҳои 50-ум ба арсаи драматургия гурӯҳи шоирон ва насрнависон дохил шуданд. Дар Б. ба омӯхтани масъалаҳои таъриху назарияи адабиёт бисьёр олимону адабиётшиносон (П. Динеков, Г. Цанев, П. Зарев, Г. Димитров-Горшкин, М. Минков, К. Гылыбов ва диг.) машғуланд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Дар терр. Б. зарфҳои сафолӣ, ҳайкалчаҳои гилини одаму ҳайвон ёфт шуданд (ҳазорсолаи 4—2-юми то м.). Гӯрхонаҳои аз к-ҳои Истранҷа, Сакар ва Родопи Шарқӣ ёфташуда ба ибтидои асри оҳан тааллуқ доранд. Дар соҳ. Баҳри Сиёҳ димнаи колонияҳои Юнони Қадим—Аполлония, Месембрия ва ғ. маҳфузанд. Боқимондаи ш. Севтополис ва осори биноҳои ҷамъиятӣ ва истиқоматии зебою мунаққаши он аз маданияти баланди фракиягиҳо гувоҳӣ медиҳад. Хусусияти ёдгориҳои нахустини меъмории Б. ҳашамату мустаҳкамист. Бо шишаҳои рангоранг хотамкорӣ кардани тахтасангу ҷузъҳои бино шакли оригиналии ороиши меъморӣ буд. А-ҳои 12—14 давраи нашъунамои санъати тасвирию минётури асримиёнагии Б. буданд. Санъати заргарӣ, кандакории чӯб ва диг. касбу ҳунарҳо хеле инкишоф меёбад. Дар давраи эҳьёи Б. (нимаи 2-юми а. 18 то с. 1898) пешравии санъат сар мешавад. Сохтмони граждани ва калисоӣ вусъат меёбад. Дар санъати тасвирӣ кӯшиши озодшавӣ аз аҳкоми дин зоҳир гардида, графикаи ватандӯстонаи революционӣ ба вуҷуд меояд (Г. Данчов, Х. Дембицкий). Баъди аз асорати Усмониён озодшавии Б. (1878) санъати он боз ҳам ривоҷ ёфта, услуби миллии меъморӣ ҷустуҷӯ карда мешавад (Палатаи Синодал дар София, меъмор П. Момчилов). Дар санъати тасвирии с-ҳои 80-ум равияи демократии реалистӣ ба вуҷуд меояд. Дар а-ҳои 19 ва 20 дар эҷодиёти як қатор рассомон таъсири импрессионизм ҳис карда мешавад. С-ҳои 20—30-юми а. 20 санъати Б. ба давраи пурихтилофи ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дохил мешавад. Якчанд устодони санъат ба таҷрибаи постимпрессионизм, сезаннизм ва экспрессионизми Европа рӯ меоваранд. Баъди барқарор шудани сохти халқӣ-демократӣ (1944) санъати Б. мазмуни нави социалистӣ пайдо кард. Шаҳрсозӣ хеле вусъат ёфт.

Мусиқӣ. Мусиқии халқии булғорӣ дар асоси мусиқии халқии қабилаҳои славян ба вуҷуд омада, унсурҳои маданияти мусиқии сокинони қадими нимҷаз. Балканро дарбар гирифтааст. Сурудҳои халқии булғорӣ аксаран яковозаанд. Асбобҳои мусиқии халқӣ: годулка, гусла, тамбура, гайда, кавал, най, додюк, двоянка, тупан ва ғ. Дар рафти муборизаи миллии озодихоҳӣ бар зидди ҳукмронии Усмониён сурудҳои эпикӣ-қаҳрамонӣ, революционӣ ба вуҷуд омаданд. Баъди с. 1878 дастаи сароянда-гон, оркестри нафасӣ ва ғ. пайдо шуданд. Аз с. 90-уми а. 19 эҷодиёти касбии мусиқӣ, санъати сароянда-гӣ инкишоф меёбад. Аз с-ҳои 1920 бастакорони булғор шаклҳои гуногуни мусиқиро омӯхта, дар ҳамаи жанрҳо асар меофаранд. Баробари дар Б. пойдор гардидани сохти халқӣ-демократӣ (1944) давраи нави инкишофи маданияти мусиқии Б. сар шуд. Жанрҳои нави мусиқӣ-сурудҳои оммавӣ, кантата ва оратория эҷод шуданд. Дар жанри симфонӣ П. Владигеров, П. Стайнов, Ф. Кутев, Л. Пипков, А. Райчев ва диг. асар эҷод мекунанд. Бисьёр бастакорон мусиқии камеравӣ, сурудҳои хорӣ ва ғ. меофаранд. Ташкилоту коллективҳои асосии мусиқӣ (1970): консерватория, омӯзишгоҳҳои мусиқӣ, филармонияи давлатии София, оркестри симфонии радио ва телевизиони Б., 5 оркестри симфонӣ, 5-театри опера, театри мусиқии ба номи С. Македонский, капеллаи хории Булғория ба номи Об-

1. Саҳна аз спектакли «Аввалинҳо»-и П. Тодоров. Театри халқии София. 2—4. Саҳнаҳо аз спектакльҳои операи давлатии София. 2. Операи «Нӯҳ бародари Янина»-и Л. Пипков. 3. Операи «Пётри айёр»-и В. Стоянов. 4. Балети «Нестинарка»-и М. Големинов. 5—7. Кадрҳо аз кинофильмҳо: 5. «Калин Орёл». Режиссёр Б. Борозанов. 6. «Қаҳрамонони сентябрь». Режиссёр З. Жандов. 7. «Инспектор ва нимишаб». Режиссёр Р. Вылчанов.



ретенев ва г. Бастакорон ва мусиқишиносон дар ташкилоти эҷодии худ— Иттифоқи бастакорони Б. муттаҳид шудаанд.

Театр. Унсурҳои санъати театрӣ аз замонҳои қадим дар бозиҳои халқии булғорӣ маълум буданд. Дар назди «читалиштаҳо»-и халқӣ (ташкилотҳои ҳаваскори маданӣ-маърифатии Булғория) дастаҳои ҳаваскорон ташкил карда мешуданд. С. 1866 яке аз аввалин драматургҳои булғор Д. Войников аз ҷумлаи ҳаваскорон нахустин гурӯҳи доимӣ — Ҷамъияти театрии Браильро таъсис кард. Баъди озод шудан аз асорати Усмониён (1878) дар Б. нахустин коллективҳои касбӣ: труппаи драмавии Булғория дар Пловдив, труппаи ҳаваскор ва г. пайдо шуданд. Ташаккули театр ба инкишофи драматургияи булғор мусоидат кард. Дар охири а. 19 ва ибтидои а. 20 дар Б. театрҳои дигари касбӣ ба вуҷуд омаданд: театрҳои сайёр — Театри драмавии Р. Попова, Театри муосир, Театри озод ва г. Дар ин давра дар санъати актёрии Б. равияи реалистӣ шакл гирифт. Театри халқии София, ки режиссёр Н. Массалитинов роҳбарӣ мекард, ба принципҳои саҳнавии МХАТ (Театри академии Бадеии Москва) пайравӣ намуд. Баъди барқарор гардидани сохти халқӣ-демократӣ давраи эҳьёи санъати театрӣ оғоз ёфт. Шумораи театрҳои касбӣ афзуд. Драмаи миллӣ асоси репертуари театрҳо гардид. С. 1969 дар Б. 40 театр (32 театри драмавӣ, 8 театри лӯхтак) ва 3 труппаи эстрадӣ кор мекард. Дар София Театри халқии ба номи И. Вазов, Театри драмавии «Ашк ва ханда», Театри Армияи халқӣ, Театри ҳаҷвӣ, Театри халқии ҷавонон, Театри «София», «Театри 199» ва г. мавҷуданд. С. 1948 Ин-ти олии санъати театрӣ ташкил шуд.

Кино. Истеҳсоли фильмҳои ҳуҷҷатӣ ва хроникӣ дар Б. с. 1910 оғоз ёфт. С. 1915 нахустин фильми бадеӣ «Булғори боадаб» ба навор гирифта шуд. С. 1933 якумин фильми овоздор «Исьёни ғулом» ба экран баромад. С. 1939 ташкилоти давлатии «Болгарское дело» барпо шуд, ки фильмҳои равияи буржуазии миллатчиёна истеҳсол мекард. Баъди ғалабаи Рев. Социалистӣ кинотеатрҳо, базаи техникӣ ва фонди фильмҳо ба ихтиёри давлат гузашт (1948). Беҳтарин фильмҳои с-ҳои 50-ум: «Изтироб», «Дар зери зулм», «Суруд дар васфи инсон» ва г. Равобити ходимони кинои Б. бо кинематографияи мамлакатҳои хориҷӣ вусъат ёфт. Дар байни фильмҳои с-ҳои 60-ум: «Офтоб ва соя», «Мо ҳам ҷавон будем», «Селаи асирон», «Тамоку» ва г. ҳастанд. Б. 3104 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ дошт. Дар София журнали ҳармоҳаи «Киноизкуство» нашр мешавад.

Харитаро ниг. дар саҳ. 576—577.

Ад.: Державин К., Болгарский театр, М.-Л., 1950; Болгарский народ в борьбе за социализм, Сб., статей, М., 1954; Валев Э. Б., Болгария, Экономико-географическая характеристика, 2 изд., М., 1957; Божков А., Болгарское изобразительное искусство, София, 1964; Валев Л. Б., Болгарский народ в борьбе против фашизма (накануне и в начальный период второй мировой войны), М., 1964; Краткая история Болгарской архитектуры, София, 1969; Марков Д. Ф., Болгарская литература наших дней, М., 1969.

БУЛҒОРҲО, миллат, аҳолии Республикаи Халқии Булғория. Дар Румыния, Юнон, Югославия, Туркия, РССУ, Венгрия, Чехословакия, Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Австралия низ зиндагӣ мекунанд. Дар Булғория бештар аз 8,2 млн (1975), дар СССР 351 ҳаз. (1970). Ба *забони булғорӣ* гап мезананд. Диндорон насроннанд, аксар православ, қисман протестант ва католик. Як гурӯҳи Б. мусулмонанд, ки асосан дар Родопи зиндагӣ мекунанд. Зери асорати туркҳо дини исломро қабул намуданд. Б. ба гурӯҳи халқҳои славянҳои ҷанубӣ мансубанд. Дар этногенези онҳо роли қабилаҳои муҳоҷири славяни шарқии нимҷаз. Балкан калон аст, ки а-ҳои 6—7 бо қабилаҳои муқимии фракиягиҳо омезиш ёфтаанд. Баробари дар мамлакат инкишоф ёфтани муносибатҳои капиталисти охири а. 18 ташаккули миллати Б. сар шуд. Муборизаи фаъолонаи зидди зулми панҷсадсолаи туркҳо, инчунин буржуазияи тиҷоратии юнониҳо ва рӯҳониён, ки дар мамлакат таъсири калон доштанд, барои инкишофи худшиносии миллӣ ва муттаҳидияти Б. кӯмак кард. Ба халқи Б. инкишофи маданияти касбие, ки оммаи васеъро фаро гирифтааст, хос мебошад. Роҷеъ ба таърих, ҳоҷагӣ, маданият ниг. низ *Булғория*.

Ад.: История Болгарии, т. 1—2, М., 1954—55; Народы зарубежной Европы, т. 1, М., 1964 (библ., саҳ. 917—18).

БУЛӮРИ КӮҲӢ, минерал, кварци беранг ва шаффофи тоза—SiO_2 (баъзан каме дудранг ё зардтоб ҳам мешавад). Дар системаи тригонали кристалл мебандад. Вазни кристаллҳояш то як тонна ва аз он ҳам зиёданд. Пайдоиши Б. к. асосан ба процессҳои гидротермалии ҳарораташон миёна ва паст вобаста буда, бештар дар ковокию тарқишҳои варақсангҳои метаморфӣ, рагҳои кварцӣ, кварцу карбонатӣ ва пегматитҳои гранитӣ вомехӯрад. Кристаллҳои тозаи Б. к. муҳимтарин ашьёи хоми оптикӣ ва пьезоэлектрикӣ буда, дар радиотехника ва тайёр кардани асбобҳои оптикӣ ба кор меравад. Онро инчунин дар заргарӣ, тайёр кардани шишаи булӯр истифода мебаранд. Конҳояш дар Урал, Олтой, Помир, Украина, Ёқутистон мавҷуданд. Б. к.-и техникиро бо усули сунъӣ истеҳсол мекунанд.

БУМ (Віво-віво), паррандаи соҳибчанголи шабпар, аз оилаи *ҷуғз*. Дарозии баданаш 62—72 см, боли кушодааш 150—180 см. Вазнаш 2,1—3,5 кг. Параш алоалои ҷигарӣ (пари гарданаш сафед), нарм ва аз ин рӯ ҳангоми парвоз садо намедиҳад. Гӯшаш калони сиёҳ, холҳои зард дорад. Пояш ҳам бо пар пӯшида шудааст. Чангол ва минқораш сахти шохранг. Чашмаш калон, сурхчатоби норанҷ. Б. бештар дар Европа, Евразия, Африкаи Шимолӣ, Арабистони Шимолӣ, Ҳиндустон, Хитойи Ҷанубӣ ва Ҳиндухитой васеъ паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. муқимӣ буда, дар ҷангалу вайронаҳо, тарқиши байни харсангҳо ва г. лона месозад ва баъзан лонаи диг. паррандагон (мас., ҳумо, чарғ)-ро ишғол мекунад. Б. 3—4 тухм мегузорад. Ғизояш хояндаҳои майда, харгӯш, баъзе парранда ва ҳашарот. Тӯъмаашро ҳангоми парвоз ё дар баландӣ нишаста, бо пайт дошта мегирад. Ҳоло паррандаи нодир аст.

Ад.: Дементьев Г. П., Птицы нашей страны, М., 1962; Абдусалямов И. А., Фауна Таджикской ССР, т. 19, ч. 1, Птицы, Д., 1971. *И. А. Абдусаломов.*

БУНАЙ, деҳа, маркази к-зи ба номи Фрунзе ва С. Қ. Жовид, р-ни Ванҷи ВАБК. Аз Б. то район 10 км; роҳ мошингард. Аҳол. 757 наф. (1976), тоҷикон. Б. дорои мактаби миёна, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа мебошад. Соҳаи хоҷагиаш — асосан тамокукорӣ. Заминҳо аз д. Бунай обьёрӣ мешаванд.

БУНАФША (Viola), авлоди растаниҳои як ё бисьёрсолаи алафӣ, баъзан нимбутта, мансуби *бунафшаиҳо*.

Б. гояи кутоҳ дорад; баргаш бонавбат ҷойгиршудаи думчадор, гулаш бунафш, зард, сафед ё гуногунранги дар баҳали барг нумӯкунанда, ғӯзамевааш сертухм (майдаи байзашакл). Қариб 500 намудаш маълум буда, аксар дар минтақаҳои мӯътадили Нимкураи шимолӣ паҳн шудааст. Дар СССР 106, аз ҷумла дар РСС

Тоҷ. 17 намуди Б. дар доманакӯҳу кӯҳҳо, дар зери буттаю дарахтзор (чормаҒзу арчазор) дучор меояд. Баъзе намудҳои Б.-ро (V. odorata — Б.-и атрӣ (ниг. расм), V. tricolor, V. suavis) чун гиёҳи ороишӣ парвариш мекунанд. Аз Б. равғани эфир мегиранд, ки он дар атриёту тиб истифода мешавад.

Ад.: Флора СССР, т. 15, М.-Л., 1949; Вульф Е. В., Малеева О. Ф., Мировые ресурсы полезных растений, Л., 1969. *С. Ю. Юнусов.*

БУНАФША (то 31. 3. 1977 Навобод), деҳа дар С. қ. Фархори р-ни Фархор, вил. Кӯлоб. Терр. к-зи ба номи Калинин. Аз Б. то маркази С. қ. 15 км, то район 12 км; роҳ мошингард. Аҳолӣ 456 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби ибтидоӣ, пункти тиббӣ ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, боғу токдорӣ, кирмакдорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обьёрӣ мешаванд.

БУНАФШАИ ЧАМАНИ (Cyclamen), авлоди растаниҳои бисьёрсолаи алафии захрнок, мансуби наврӯзгулҳо.

Бунафшаи чаманӣ: 1 — намуди умумӣ; 2 — буриши гул.

55 намудаш дар кишварҳои соҳили Баҳри Миёназамин ва Осиё меруяд. Дар СССР 7 намудаш вомехӯрад. Дар РСС Тоҷ. С. persicum-ро (ниг. расм) чун гули ороишӣ дар боғҳои ботаникӣ парвариш мекунанд. Б. ч. бехмеваи лӯнда, барги дил ва ё гурдашакли думчааш дароз, пояи баландиаш то 40 см, гули хамидаи бунафш, гулобӣ, сафед ва сурх дорад, 4 намудаш (C. ibericum, C. vernum, C. europeum ва C. neapolitaum)-ро дар гулбоғу гулгаштҳо мекоранд.

БУНАФШАИҲО (Violaceae), оилаи растаниҳои алафии бисьёрсола, бутта ва дарахт. Тақрибан 900 намуди Б. дар кураи замин, хусусан дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ паҳн шудааст. Дар СССР 106 намуд, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 13 намуди Б. вомехӯрад. Б. барги бонавбат, баъзан рӯ ба рӯи якдигар ҷойгиршудаи пешбарганок, гули дучинсаи номутаносиб (баъзан мутаносиб)-и тоҷатоҷа ё тӯдагул, косабаргаи 5-косачабаргнок ва ғӯзамева доранд.

Ад.: Травянистые растения СССР, т. 2, М., 1971. *С. Ю. Юнусов.*

БУНГАКИЁН, деҳа дар С. қ. Қалъаи Дашт, р-ни Файзободи РСС Тоҷ. То маркази С. қ. 8 км, то район 28 км, роҳ асфальт. Аҳол. 556 наф. (1976), тоҷикон. Дорои мактаби миёна, клуб, пункти тиббӣ, магазин, китобхона мебошад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, обчакорӣ, боғдорӣ. Сокинонаш аз оби чашмаҳои Чилча, Хоҷа Яъқуб истифода мебаранд.

БУНД (идиш Bund — иттифоқ), ташкилоти майдабуржуазии миллатчии косибони яҳудии вил-ҳои ғарбии Россия. «Иттифоқи умумияҳудии коргарони Литва, Польша ва Россия» ном дошт. Сент. 1897 дар Съезди муассисони гурӯҳҳои с.-д.-ии яҳудиён дар Вильно ба вуҷуд омад. Аввал тарғиботи социалистӣ мебурд, баъд дар рафти мубориза барои бекор кардани қонунҳои махсуси зидди яҳудиён ба миллатчиён ҳамроҳ шуд. С. 1898 Б. дар Съезди 1 РСДРП ба партия ҳамчун ташкилоти автономӣ дохил гардид. Вай фақат дар масъалаҳои махсуси ба пролетариати яҳудӣ дахлдор мустақил буд. Б. аз с. 1901 тарғиботчии миллатчигӣ ва сепаратизм дар ҳаракати коргарии Россия буда, мавқеи оппортунистиро ишғол намуд, «иқтисодчиён» ва меньшевиконро дастгирӣ карда, ба муқобили большевизм мубориза бурд. Органи марказии чопиаш «Арбертре Штиме» ва «Идишер Арбетре» буд. Дар Съезди 2 РСДРП (1903) бундчиён принципи федеративии сохти партия, яъне мувофиқи аломатҳои миллӣ тақсим кардани партия ва дар РСДРП ягона намояндаи коргарони яҳудӣ эътироф кардани Б.-ро талаб намуданд. Вақте ки ин даъвоҳо рад карда шуданд, Б. аз РСДРП баромад ва ба ҷараёни сионистии Поалейцион ҳамроҳ шуд. В. И. Ленин дар мақолаи «Оё ба пролетариати яҳудӣ «Партияи мустақили сиёсӣ» лозим аст» (1903) зарари миллатчигии Б.-ро фош намуд (Асарҳо ҷ. 6, саҳ. 333—338). С. 1906 Б. дар Съезди (Муттаҳидкунандаи) 4-уми РСДРП боз ба РСДРП дохил шуда бошад ҳам, дар тамоми масъалаҳо мавқеи меньшевикиро ишғол мекард. Б. дар солҳои реакцияи столыпинӣ ликвидаторҳо ва Л. Д. Троцкийро ҳимоя намуд. Конференцияи 6-уми (прагагии) умумироссиягии РСДРП (1912) бундчиёнро дар қатори диг. оппортунистон аз партия хориҷ кард. Дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ Б. мавқеи социал-шовинистиро ишғол намуд. Баъди Рев. Феврали 1917 бундчиён ба меньшевикҳо ҳамроҳ шуда, контрреволюцияро тарафдорӣ карданд. Баъди ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь роҳбарони Б. (Р. А. Абрамович, И. Л. Айзенштадт) ба хорича гурехта, ба муқобили Ҳокимияти Советӣ мубориза сар карданд. Марти 1921 дар Конференцияи 13-ум дар Минск бундчиён қарор қабул карданд, ки дар асосҳои умумӣ ба РКП(б) дохил мешаванд. Ин боиси худ аз худ барҳам хӯрдани ташкилоти онҳо гардид.

«БУНДАҲИШ» (паҳл. — офариниш), муҳимтарин осори динии Зардуштия, ки дар а. 9 ба забони паҳлавӣ таълиф шудааст. Таълиф ё тартиб додани китобро ба Фарнбаг нисбат медиҳанд. Номи аслии «Б.» «Зандогоҳӣ» (яъне, маълумот—огоҳӣ дар бораи донишҳои динӣ дар тарҷумаи паҳлавӣ *занд*) буда, азбаски вай дар бораи ҳолати ибтидоии дунёё (олам) баҳс мекунад, минбаъд бо унвони «Б.» машҳур шудааст. «Б.» дар якчанд нусхаҳо то ба замони мо расидааст, ки онҳо ду вариант («Бундаҳиши эронӣ» ва «Бундаҳиши ҳиндӣ»)-ро ташкил медиҳанд. Варианти «Бундаҳиши эронӣ» нисбат ба варианти «Бундаҳиши ҳиндӣ» мукаммал аст. Мундаричаи «Б.» аз ҳикояту ривоятҳои динӣ, маълумотҳои пурқимати этнографӣ, достонҳои асотирию қаҳрамонӣ иборат аст, ки қисман дар Авесто мавҷуданд ва бархе маълумотҳои асотирию қаҳрамонии Авесторо пурра мекунанд. «Б.» аз офариниши олам, пайдо шудани Аҳриман дар рӯи Замин ва муборизаи ӯ бо Ҳурмузд, рӯзи Растохез (Қиёмат), Гаронмана (Биҳишт) ва Тани Пасин (Эҳьё), кишварҳои Эрон, кӯҳу дарьёҳо, шоҳону қаҳрамонони онҳо ва анъанаи солшуморӣ баҳс мекунад. Мундаричаи «Б.» ба як давраи муайяни таърихӣ тааллуқ надошта, таркибан бис ёр мухталиф аст. Дар он такрори матлаб ва ривояту гуфторҳои мазмунан ба ҳамдигар зид дучор меоянд. Аз ҷиҳати мазмун ва алоқаи байниҳамдигарии бобҳо «Б.»-ро ба се бахш тақсим кардан мумкин аст: 1) бобҳои 1—3; 2) бобҳои 8—30, 34, 36 ва 3) бобҳои 31—33, 35. Бахши 1-уми «Б.» иборат аст аз: баёни фаъолияти худои равшанию некӣ — Ҳурмузд (Аҳуро Маздо) ва худои торикию бадӣ — Аҳриман дар чор давраи сеҳазорсола; офариниш (бриҳенишн)-и дуньёи равшанӣ, махлуқот (дому даҳишн) ва ҳама гуна офариниши нек (чимдаҳишн) дар ду сеҳазорсолаи аввал; ба муқобили ин аз тарафи Аҳриман офарида шудани махлуқоти бад; ҳуҷум (дуворастан)-и Аҳриман ба муқобили офаридаҳои Ҳурмузд ва чигунагии онҳо; мубориза (ардгарӣ)-и байниҳамдигарии қувваҳои бадию некӣ, ки дар ҳудуди сеҳазорсолаҳои минбаъда шурӯъ шуда, ниҳоят, ба ғалабаи Ҳурмузду қувваҳои неки ӯ ба анҷом мерасад. Маълумоти ин бахш, ки то ан-

дозае ранги асотирию ривоятӣ дорад, моҳияту системаи дини Зардуштиро мекушояд. Дар ин бахш омезиши маълумоти асотирию ривоятӣ бо маълумот (дониш)-ҳои динӣ равшан зоҳир мегардад. Моҳияти дини Зардуштия, ки бар душмании доимии қувваҳои некӣ ва бадӣ (ҳурмуздӣ ва аҳриманӣ) асос ёфтааст, дар муборизаи доимии саркардагон (меҳӯгон)-и Яздону Девон, маҳлуқоти нек (амшаспандон)-у маҳлуқоти бад (ҳрафастрон)-и Аҳриман зоҳир мешавад. Маълумоти бахши 2-юми «Б.» характери дуньявӣ дошта, аз баёни донишҳои ҳаётӣ — астрологию астрономӣ, космогонӣ, ҷуғрофӣ ва ғ. иборат аст. Бахши 3-юми «Б.» (махсусан боби «Андар тухма ва фарзандони Каён») таъриҳи асотирии Эронро аз замони пайдоиши аввалин инсон то тохту този арабҳо ва давраи хилофат дарбар мегирад. Баъзе қисмҳои ин боб воқеаҳои соф таъриҳи (ҳуҷуми Искандар ба Эрон, подшоҳии Сосониён, ҳушксолӣ дар замони Пирӯз, ҳуҷуми ҳайтолиён ва хиёниён, зуҳури Маздак дар замони Хисрави Анӯшервон ва ғ.)-ро дарбар мегиранд, ки аз ин ҷиҳат бо маълумоти *«Худойнома»* айният дорад. Ин ривоятҳо дар таъриҳномаҳои исломӣ (*«Таъриҳи Табарӣ»*, асарҳои Масъудӣ, Беруниӣ, Саолибӣ ва ғ.) низ омадаанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин воқеаҳои таъриҳӣ тасвири бадеӣ ёфтаанд. «Б.» муҳимтарин манбаи ривоятҳои асотирӣ, достонҳои ҳамосавии халқҳои эронинажод мебошад. Он порчаҳои «Б.», ки аз пайдоиши оламу одам, табиат баҳс мекунанд, дараҷаи тараққиёти илми он замонро нишон медиҳанд. Дар «Б.» порчаҳои қофиядори ба вазни ҳиҷо навишташуда («Суруд дар бораи Зрвана») вомехӯранд; приёмҳои достонҳои эпикӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ — ташбеҳ, муболиға, диалог, монолог дида мешаванд. Дар «Б.» унсурҳои фольклорӣ низ мавҷуданд. Қадимтарин нусхаи «Б.» ба а. 12 тааллуқ дорад. «Б.» ба забонҳои форсӣ, англисӣ, немисӣ ва ғ. тарҷума шудааст.

Ад.: Брагинский И. С., Из истории таджикской народной поэзии, М., 1956; Никитина В. Б., Литература Ирана, дар кит.: Литература Древнего Востока, М., 1962; Рипка Я и, История персидской и таджикской литературы, М., 1970. *М. Диловаров, Ш. Асроров.*

БУНИН Иван Алексеевич (22. 10. 1870, Воронеж — 8. 11. 1953, Париж), нарисандаи рус. Дар ҷавонӣ ба ҳисобчигӣ, мусаҳҳеҳӣ, китобдорӣ ва мухбирӣ машғул шудааст. Аввалин мачмӯаи ӯ с. 1891 бо номи «Шеърҳо» чоп шудааст. Аз повести «Деҳа» (1910) сар карда, Б. ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ рӯ меорад. Б. тақдири Россияро бо қисмати деҳқонон тавъам донистааст: ҳикояҳои «Одами қадим», «Сӯҳбати шабона» ва ғ. Б. дар жанрҳои повесть, ҳикоя ва новелла устод буд. Рев. Октябрьро хусуматомезона пешвоз гирифта, с. 1920 ба Франция ҳиҷрат кард. Дар муҳоҷират Б. чанд рисолаи фалсафӣ-адабӣ роҷеъ ба Л. Н. Толстой («Озодшавии Толстой», Париж, 1937) ва «Ёддоштҳо» (Париж, 1950 ном асарҳо) навишт, ки бар зидди М. Горький, А. Блок, В. Брюсов, А. Н. Толстой нигаронида шудаанд. Сарфи назар аз ин, мероси адабии аз бисьёр ҷиҳатҳо ихтилофноки Б. арзиши эстетикию маърифатии зиёде дорад. Бинобар он, эҷодиёти ӯ дар СССР ҳаматарафа омӯхта мешавад. Ҳикояҳои ӯ («Се хоҳиш», «Зинда бод ёди ватан») ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Б. лауреати Мукофоти нобелист (1933).

БУНКИН Борис Васильевич (тав. 16. 7. 1922, деҳаи Аксиньино, вил. Москва), физики советӣ, акад. АФ СССР (1974; аъзо-юрр. 1968), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1967). Аъзои КПСС аз с. 1953. Пас аз хатми Ин-ти авиационии Москва (1947) дар худи ҳамон ҷо кор кардааст. Аз с. 1950 дар Ин-ти физика ва техникаи Москва кор мекунад. Доир ба радиотехника ва электротехника асарҳои бисьёр дорад. Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.

БУНОСТОМОЗҲО, касалиҳои гельминтозии ҳайвоноти жованда, ки нематодаҳои ҷинси Bunostomum ба вуҷуд меоранд. Б. дар ҳама ҷо паҳн шудаанд. Тухмҳои паразит бо пачосати ҳайвон берун шуда, ба кирм табдил меёбанд. Онҳо ба организми ҳайвони солим ба воситаи пӯст (баъзан бо хӯроку об) дохил шуда, бо ёрии рагҳои хун ба рӯда мегузаранд ва ба пардаи луоб часпида реш мекунанд, ки боиси хунравӣ мегардад. Б. баъзан ба муромурии ҷавонаҳо сабаб мегарданд. Барои табобат чорхлориди карбон ва фенотиазинро истифода мебаранд. Ҷогардони чорво, риояи беҳдошти обу хӯрок ва тозаигоҳ доштани пӯсти чорво чорабиниҳои муҳимми профилактикӣ мебошанд.

Ад.: Паразитология и инвазионные болезни сельскохозяйственных животных, М., 1964.

БУНЯКОВСКИЙ Виктор Яковлевич (16. 12. 1804, Баре, губ. Подольск — 12. 12. 1889, Петербург), математики рус, аъзои АФ Петербург (1830) ва нойб-президенти он (1864—89). Дар Париж таҳсил кардааст. Дар қатори М. В. Остроградский ва П. Л. Чебышев савияи илмии таълими математикаро бардошт. Муаллифи китобҳои дарсӣ доир ба арифметика (1844, 1849). Оид ба таҳлили математикӣ, назарияи нобаробариҳо *(Нобаробарии Буняковский)*, назарияи ададҳо ва назарияи эҳтимолият тадқиқот бурдааст.

БУНӢ, деҳа дар С. қ. Поршнев, р-ни Шӯғнони ВАБК. Маркази с-зи ба номи Шотемуров. Дар соҳили рости д. Панҷ воқеъ гардидааст. То маркази район 31 км; роҳ асфальт. Аҳол. 244 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби 8-сола, клуб, пункти тиббӣ, китобхона ва магазин дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорӣ, боғдорӣ ва обчакорист. Заминҳо аз д. Панҷ ва чашмаи Бунӣ обьёрӣ мешаванд.

БУНҶИКАТ بنجکت пойтахти давлати асримиёнагии *Истравшан*, ки байни Суғд ва Хуҷанд, д. Сир ва қ-кӯҳи Ҳисор воқеъ буд. Б. мувофиқи маъхазҳои хаттӣ а-ҳои 9—10 дар мавзеи хушобу ҳаво ҷой гирифта, аҳолии сершумори аз ҷиҳати этникӣ якхела дошт. Б. аз *шаҳристон, куҳандиз* ва *работ* иборат буд. Шаҳристон бо девор иҳота шуда, ду дарвоза, дар паҳлӯи худ куҳандиз ва истеҳкомҳои алоҳида дошт. Работи шаҳр низ бо девор иҳота шуда, чор дарвоза дошт. Се қисми шаҳр, қасру ҳавлиҳо, кӯшкҳо, боғот, токзор ва майдони обчакорӣ бо девори умумии шаҳр иҳота шуда буданд. Дар сарчашмаҳо аз биноҳои калони шаҳр масҷиди ҷомеи шаҳристон, маҳбаси куҳандиз ва қасри подшоҳ дар работ қайд шудаанд. Охири а-ҳои 9—10 дар Б. тақрибан 20 (ё 10) ҳаз. наф. иқомат мекард. Аҳолии шаҳр аз наҳри Сарин ва ҳафт ҷӯй, ки аз ҳамон наҳр сар мешуданд, об мехӯрд. Бар лаби наҳру ҷӯйҳо тахминан даҳ осиёб гардон буд. Дар ин ҷо касбу ҳунарҳои оҳангарӣ, рехтагарӣ, бофандагӣ, кулолӣ, биноҳорӣ, санъати меъморӣ, кандакорӣ, сикказанӣ ва ғ. тараққӣ карда буданд. Омӯзиши усули сохтани маснуоти тиллоӣ, биринҷӣ ва ғ. аз пешрафти корҳои заргарӣ, роҷеъ ба ташаккули санъати меъморӣ, шаклу нақшаи иморатҳо гувоҳӣ медиҳанд. Дар ин ҷо биноҳои истиқоматию қасру кӯшкҳои калони бисьёрқабата, базмгоҳу ибодатхонаҳо ёфт шуданд. Шаҳр монанди қалъаи мустаҳкам будааст. Дар деворҳои биноҳои Б. осори барҷастаи кандакорӣ ва тасвироти рангоранг аз афсонаву ривоятҳо боқӣ мондаанд. Дар байни ёдгориҳои санъати тасвирии истравшаниҳо асарҳои барҷаста бисьёранд: инъикоси афсонаи модагург, ки ду кӯдаки инсонро шир медиҳад, тасвири худою олиҳа, муҳорибаи девҳову фариштаҳо, ҷанговарони болдор, дучархасавор, уднавоз, лавҳаи кандакорӣ дар мавзӯи муборизаи қувваҳои неку бад. Маснуоти ҳунармандӣ низ ёфт шудааст: заррҳо бо акси кабкҳо, чойҷӯши ҳайвоншакл, маснуоти биринҷӣ ва кӯзаҳои сафолӣ. Ангуштаринҳои заррин ва диг. чизҳои ороиш хеле моҳирона ва сифатнок тайёр карда шудаанд, ки санъати баланди сохти онҳо касро ба ҳайрат меандозанд. Б. шаҳри мутараққӣ, дараҷаи маданияти моддӣ ва маънавияш хеле баланд буд.

Ад.: Негматов Н. Н., Хмельницкий С. Г., Средневековый Шахристан, Д., 1967; Неъматов Н. Н., Асрори Истравшан, Д., 1972; Негматов Н. Н., Пулатов У. П., Хмельницкий С. Г., Уртакурган и Тирмизактеппа, Д., 1973. *Н. Неъматов.*

БУРАГЕ́Н, деҳа дар С. қ. Шаҳристони р-ни Ўротеппа, вил. Ленинобод. Терр. с-зи «Шаҳристон-1». То маркази С. қ. 5 км, то район 30 км, то вилоят 111 км; роҳ мошингард. Аҳол. 649 наф. (1976), асосан ўзбекҳо. Мактаби миёна, сартарошхона дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ—чорводорӣ. Аҳолӣ аз чашмаҳо истифода мебарад.

БУРБАКИ́ Никола (Bourbaki Nicolas), тахаллуси умумии гурӯҳи математикони франсавӣ. Аз с-ҳои 30-юм инҷониб асарҳои Б. дар ахбороти АФ Франция ва диг. нашрияҳо чоп мешаванд. Шумораи аъзоёни Б. тақрибан 10—12 наф. Математикони муосири Франция Ж. Дьёдонне, А. Вейль, Н. Шевелье, А. Картан аъзоёни Б. мебошанд. Б. мақсад гузоштааст, ки куллиёти математикаи муосирро нависад. Ҳоло зиёда аз 20 ҷилди он ба табъ расидааст. 10 ҷилди асарҳои Б. ба русӣ тарҷума шудааст.

БУРБОНҲО́ (франс. Bourbons, исп. Borbones, итал. Borboni), сулолаи шоҳони Франция (с-ҳои ҳукмрониашон 1589—1792, 1814—30), Испания (1700—1808, 1814—68, 1874—1931), ҳар ду давлати Сицилия (ё Неаполитания) (1735—1805, 1814—60), сулолаи герцогҳои Парма ва Пьяченца (1748—1802, 1847—59). Намояндаи якуми Б. *Генрихи IV* (с-ҳои 1589—1610 ҳукм рондааст) сиёсати тақвияти мутлақияти Франсияро гузаронд. Дар аҳди Людовики XIV (с-ҳои 1643—1715) мутлақият авҷ гирифт. Набераи Людовики XIV Филиппи V (с-ҳои 1700—24, 1724—46) ба шоҳаи испании Б. ибтидо гузошт, ки онҳо то с. 1931—то эълони республикаи Испания ҳукм ронданд. С. 1975 намояндаи сулолаи Б. дар Испания боз ба сари ҳокимият омад.

БУРГУ́Т (Aquila chrysaëtus), паррандаи соҳибчангол, аз оилаи *лочин*. Дарозиаш то 95 см. Боли кушодаш то 2 м. Нӯли болояш чангакмонанди каҷ. Чанголаш сахти гиро. Ғизояш ҳаргуна ҷонварҳо. Дар ҷангал ва ноҳияҳои кӯҳии Осиё, Европа, Америкаи Шимолӣ ва Африкаи Шимолӣ вомехӯрад. Дар РСС Тоҷ. дар кӯҳҳо дучор мешавад. Б. паррандаи муқимист. Дар дарахт ва харсангҳо лона мегузорад. Лонаашро аз шоху навдаҳои ҳаргупа дарахту буттаҳо месозад. 1—2 тухм мегузорад. Тухмаш сафеди холҳояш сурхчатоб. Б. хояндаҳои зарароварро хӯрда нест мекунад. Б.-ро дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон барои шикори рӯбоҳ, харгӯш, баъзан гургу оҳу ва дигар ҷонварон истифода мебаранд.

Ад.: Флиндт В. Е., Бёме Р. Л. (ва диг.), Птицы СССР, М., 1968; Абдусалямов И. А., Фауна Таджикской ССР, т. 19, ч. 1, Птицы, Д., 1971.

И. А. Абдусаломов.

БУРГУТҚАЛЪА́, харобаи шаҳри қадима дар р-ни Тӯрткӯли РАСС Қарақалп. Аввалин маротиба с. 1937 А. И. Тереножкин, баъдтар экспедицияи археологию этнографии Хоразм бо роҳбарии С. П. Толстов ҳафриёти археологӣ гузаронидаанд. Б. маркази воҳаи Бургутқалъа буда, ҳамагӣ 6 га масоҳат дорад. Шаҳр қаср, сарой, биноҳои истиқоматӣ дошт. Дар Б. зарфҳои сафол, тангаҳои мисини Хоразм, асбобу анҷоми рӯзгор, яроқ, олоти деҳқонӣ ва ҳунармандии ба а-ҳои 7—8 мансуб ёфт шудаанд. Тадқиқотчиён муайян кардаанд, ки қалъа ба а-ҳои 7—8 оид бошад ҳам, дар он мавзеъ а-ҳои 4—6 одамон зиндагӣ мекардаанд. Берун аз он бозор, ҳавлӣ, устохонаҳо воқеъ буданд.

БУРДАНГА́Л, Бӯридангал, деҳа дар С. қ. «Ватан», р-ни Совети вил. Кӯлоб. Терр. с-зи «Совет-2». Аз Б. то маркази С. қ. 2 км, то район 15 км; роҳ асфальт. Аҳол. 550 наф. (1976), тоҷикон ва ўзбекҳо. Клуб, китобхона, магазин, устохонаи дуредгарӣ, 2 пункти ветеринарӣ дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорӣ (2 фермаи говпарварӣ), ғаллакорӣ (гандум, ҷав), кирмакдорӣ. Б. ламмикор аст. Сокинони деҳа аз оби водопровод истифода мебаранд.

БУРДЕ́НКО Николай Нилович (3 6. 1876, деҳаи Каменка, ҳоло вил. Пенза — 11. 11. 1946, Москва), ҷарроҳи советӣ, яке аз асосгузорони нейрохирургия, акад. АФ СССР (1939), акад. ва аввалин президенти АИТ СССР (1944—46), генерал-полковники хизмати тиббӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1943). Аъзои КПСС аз с. 1939. С. 1906 Ун-ти Юрьев (ҳоло Тарту)-ро хатм намуд. Аз с. 1910 проф. ҳамин ун-т, с. 1918 проф. Ун-ти Воронеж, аз с. 1923 проф. фак-ти тиббии Ун-ти Москва (аз с. 1930 — Ин-ти тиббии 1-уми Москва) буд ва то охири умраш ба клиникаи ҷарроҳияи фак-т, ки ҳоло ба номи Б. аст, роҳбарӣ кард. Аз с. 1929 Б. директори клиникаи нейрохирургияи Ин-ти рентгени Наркомздрав (ҳоло Ин-ти нейрохирургияи АИТ СССР ба номи Н. Н. Бурденко) ва аз с. 1937 ҷарроҳ-сармушовири Армияи Советӣ буд. Б. асосан оид ба ҷарроҳия ва онкологияи системаи марказӣ ва вегетативии асаб, инчунин патологияи гардиши хун дар мағзи сар, гардиши моеи ҳароммағз ва ғ. тадқиқот бурдааст. Аъзои КПМУ (даъвати 16). Аъзои фахрии Ҷамъияти байналхалқии ҷарроҳон ва Ҷамъияти подшоҳии Лондон. АИТ СССР

барои корҳои беҳтарин оид ба нейрохирургия ва ҷарроҳияи ҳарбӣ Мукофоти ба номи Б.-ро таъсис кардааст. Депутати Совети Олии СССР (даъвати 1 ва 2), лауреати Мукофоти давлатии СССР (1941). Б. бо 3 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Собр. соч., т. 1—7, М., 1950—52.

Ад.: Багдасарьян С. М., Николай Нилович Бурденко, М., 1954.

БУРЕЯ́, дарьё дар кишв. Хабаров ва вил. Амури РСФСР, шохоби чапи д. Амур. Аз як шудани д-ҳои Б.-и Чап ва Б.-и Рост ба вуҷуд меояд. Б.-и Рост сароби худро аз нишебаҳои ҷанубии қ-кӯҳи Эзоп, Б.-и Чап аз нишебаҳои ғарбии қ-кӯҳи Дуссе-Алинь мегирад. Тӯлаш 623 км. Масоҳ. ҳавзааш 70 700 км². Болообаш дарьёчаи кӯҳӣ буда, поёнобаш аз ҳамвории Зеяю Бурея ҷорӣ мегардад. Манбааш борон. Шохобҳои калонаш аз рост — Ниман, Туюн; аз чап — Ургал, Тырма. Поёноб ва миёноби дарьё киштигард. Истгоҳҳояш: Чекунда, Малиновка ва ғ. Дар ҳавзаи Б. конҳои ангишту оҳан воқеанд.

БУРЖУАЗИ́Я (франс. bourgeoisie, аз лот. burgus — шаҳри мустаҳкам), синфи ҳукмрони ҷамъияти капиталистӣ, ки ҳамаи воситаҳои асосии истеҳсолоти ҷамъиятиро дар ихтиёри худ нигоҳ медорад, маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятиро азхуд карда, ҳукмронии сиёсию иқтисодиро амалӣ мегардонад. Б. охири а. 19 ва аввали а. 20 ҳамчун синф дар дохили феодализм дар давраи андӯхти ибтидоии капитал дар натиҷаи зӯран аз воситаҳои истеҳсолот маҳрум кардан ва ба коргарони кироя табдил додани молистеҳсолкунандагони майда пайдо шудааст. Дар бисьёр мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ва ШМА Б. ҳокимиятро дар а. 16 ва нимаи 1-уми а. 19 дар натиҷаи революцияи буржуазӣ ба даст даровард. Дар якқатор мамлакатҳои диг. (Австрия, Венгрия, Япония) Б. ба сари ҳокимият дар нимаи 2-юми а. 19 ва аввали а. 20 омад. Ба сохти капиталистӣ диктатураи Б. хос буда, асоси иқтисодии ҳукмронии синфии он моликияти капиталистӣ мебошад. Шакли ибтидоии ташкили нави қувваҳои истеҳсолкунанда мануфактура буд, ки онро баъдтар саноати калони мошинӣ иваз кард. Дар х. қ. низ истеҳсолоти капиталистӣ инкишоф ёфта, помещикон ба капиталистон, деҳқонон ба пролетариат мубаддал гаштанд. Б. ва пролетариат синфҳои асосии ҷамъияти капиталистианд. Дар байни онҳо зиддиятҳои антагонистии оштинопазир вуҷуд доранд, манфиатҳои онҳо ба ҳамдигар комилан мухолифанд ва ин боиси муборизаи байни онҳо мегардад. Хизмати таърихии Б. дар он аст, ки вай феодализмро нест карда, тараққии қувваҳои истеҳсолкунандаро тезонид, ки ин барои барҳам хӯрда-

ин худи Б. заминаи объективӣ шуд Дар давраи империализм ва бӯхрони умумии капитализм зиддиятҳои ҷамъияти капиталистӣ то ҳадди охир шиддат меёбад ва характери паразитию реакционии Б. баръало зоҳир мегардад. Дар ин марҳала Б. ба ивз кардани мупосибатҳои истеҳсолии капиталистӣ бо муносибатҳои истеҳсолии социалистӣ монеъ мешавад. Барои дар дасти худ нигоҳ доштани ҳокимият вай бо реакционитарин қувваҳо, ҳатто бо фашизм иттифоқ мебандад. Дар ин шароит ҳамаи қувваҳои демократӣ ба муқобили Б. муттаҳид мешаванд. Б. дар мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ ҳамчун душмани асосии ҳаракати миллию озодихоҳӣ баромад мекунад. Дар ин давра муборизаи Б. ва пролетариат нихоят тезу тунд шуда, ба революцияи пролетарӣ меоварад, ки он ба ҳукмронии Б. хотима дода, ба ҷамъияти пешқадам — социализм, ки манфиати меҳнаткашонро ҳимоя мекунад, роҳ мекушояд.

Ад.: Маркс К., Энгельс Ф., Манифести Партияи Коммунистӣ, Д., 1968; Маркс К., Капитал, т. 1—3; Маркс К., Энгельс Ф., Соч., 2 изд., т. 23, 24, 25; Маркс К., Ҷанги граждани дар Франция, Д., 1959; Ленин В. И., Империализм, ҳамчун дарачаи баландтарини капитализм, Сталинобод, 1957.

БУРЖУАЗИЯИ КОМПРАДОР, қисми буржуазияи мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ, ки дар байни монополияҳои хориҷӣ ва бозори дохилию беруни миёнаравӣ карда, ба империалистони ачнабӣ дар ғорати мамлакати худ мадад мерасонад. Б. к. дар давраи ба вуҷуд омадани системаи мустамликадории империализм, аз ҷумла савдогарон, судхӯрон, феодалон ва аъёну ашрофони қабилаҳо пайдо шудааст. Хусусияти хоси Б. к. ин аст, ки вай аз иштирок дар ҳаракати буржуазӣ-миллии зидди мустамликадори сар кашида, дар мавқеъҳои зиддимиллӣ ва парастиши империализм меистад. Аз ин рӯ, муборизаи милли-озодихоҳии синфи коргари мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ на танҳо ба муқобили империализми хориҷӣ, инчунин бар зидди агентураи он — Б. к. низ равона карда шудааст.

БУРИШИ ГЕОЛОГӢ, тасвири графикии қабатҳои қишри Замин ба тарзи амудӣ, ки дар он ҷойгиршавии ҷинсҳои кӯҳӣ, таносуби ҷинсҳои синну таркибашон гуногун, шакли ҷисмҳои геологӣ ва тағйироти ғафсии онҳо, хусусияти чиндоршавӣ, кафидаҳои тектоникӣ ва г. нишон дода мешавад. Б. г.-ро дар асоси мушоҳидаҳои геологӣ, харитаҳои геологӣ, ҳуҷҷатҳои ҳафриёти кӯҳӣ (хандақ, шурф, штольня ва г.), пармачоҳҳо, тадқиқоти геофизикӣ ва г. тартиб медиҳанд. Б. г. дар бораи сохти дохилии қишри Замин тасаввурот медиҳад, омӯзиши таърихи инкишофи геологии ин ё он нохияро осон мегардонад. Ғайр аз ин барои ҳисоб кардани захираҳои сарватҳои зеризаминӣ, аниқ муайян намудани ҷои ҳафриёти кӯҳӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои геологӣ аҳамияти калон дорад. Масштаби уфуқӣ ва амудии Б. г. бояд ба масштаби харита мувофиқат кунад, вале баъзан бо мақсади аёнтар нишон додани хусусиятҳои рельеф, сохти геологӣ масштаби амудии Б. г. якчанд маротиба зиёд карда мешавад. *М. Ҷанобилов.*

БУРИШИ ДЕДЕКИНД, як усули арифметикии муайян кардани ададҳои ҳақиқӣ, ки бори аввал аз тарафи математики немис Р. *Дедекинд* (1872) пешниҳод шудааст. Аз рӯи ин усул маҷмӯи ададҳои рационалиро ба ду гурӯҳ — «болоӣ» ва «поён» тақсим мекунанд, ки дар он ҳар гуна элементи гурӯҳи «поён» аз ҳар гуна элементи гурӯҳи «болоӣ» хурд аст. Агар дар гурӯҳи «поён» адади калонтарин ва дар гурӯҳи «болоӣ» адади хурдтарин мавҷуд набошад, буриш адади иррационалиро муайян мекунад. Адади мазкур аз ҳар гуна адади рационалии гурӯҳи «поён» калон ва аз ҳар гуна адади рационалии гурӯҳи «болоӣ» хурд аст. Мас., $\sqrt{2}$-ро буриши муайян мекунад, ки дар он гурӯҳи «поён» аз ададҳои манфӣ, ноль ва ададҳои мусбати квадраташон аз 2 хурд ва гурӯҳи «болоӣ» аз ададҳои мусбати квадраташон аз 2 калон иборат аст.

Ад.: Фихтенгольц Г. М., Курс дифференциального и интегрального исчисления, т. 1, М., 1969.

БУРИШИ НОРМАЛИи сатҳ, хати каче, ки дар натиҷаи буриши сатҳ ва ҳамвории аз нормали сатҳи мазкур гузаранда ҳосил шудааст. Б. н. барои омӯхтани каҷии сатҳҳо истифода мешавад.

БУРИШИ ОКСИГЕНӢ, буриши газӣ, усули буридани детальҳои металлӣ, ки ба хосияти дар оксигени холиси техникӣ сӯхтани металлҳо асос ёфтааст. Дар Б. о. ба ҷои буридашавандаи металли то 1200—1300° С тафсонидашуда ҷараёни оксиген равон мекунанд, ки он металлро сӯзонда, «мебурад». Бо ин усул пӯлоди ғафсиаш то 2 метрро буридан мумкин аст. Вобаста ба навъи гази сӯзанда буриши ацетилену оксигенӣ, гидрогену оксигенӣ, бензину оксигенӣ мавҷуд аст. Б. о. дар мошинсозӣ, кишти-созӣ, металлургияи сиёҳ ва ранга, сохтмон ва диг. соҳаҳо васеъ татбиқ мешавад. Ҳоло баробари Б. о. дар саноат буриши плазмагӣ низ маъмул гаштааст.

БУРИШҲОИ КОНУСӢ, хатҳое, ки дар натиҷаи бо ҳамвориҳои аз қулла нагузаранда бурида шудани конуси рости доиравӣ ҳосил мешаванд. Б. к. се навъанд: 1) ҳамвории буранда ҳама ташкилдиҳандаҳои конусро мебурад (расм, *а*); хати буриш тухмшакли сарбаста — *эллипс* аст; давра чун ҳолати хусусии эллипс ҳангоми ба меҳвари конус перпендикуляр будани ҳамвории буранда ҳосил мешавад;



2) ҳамвории буранда ба яке аз ҳамвориҳои расандаи конус параллель аст (расм, *б*) — дар ин маврид хати буриш *парабола* мебошад; 3) ҳамвории ду конуси симметриро, ки меҳвару қуллаҳояшон умумист, мебурад (расм, *в*) ва хати буриш *гипербола* номида мешавад.

БУРКАИ БОЛО, деҳа, маркази С. қ. Араб, р-ни Панҷи вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Правда». Аз Б. Б. то маркази район 8 км, роҳ асфальт. Аҳол. 518 наф. (1976), тоҷикон. Деҳа мактаби миёна, клуб, китобхона, магазин, пункти тиббӣ ва нуқтаҳои хизмати маишӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагиаш — пахтакорӣ, кирмакдорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

БУРКАИ ПОЁН, деҳа дар С. қ. Араб, р-ни Панҷи вил. Кӯлоб. Терр. к-зи «Роҳи Ленин». Аз Б. П. то маркази С. қ. 1 км, то район 4 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1061 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, пункти тиббӣ, клуб, китобхона, нуқтаҳои хизмати маишӣ ва магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ—пахтакорӣ, кирмакдорӣ, обчакорию токдорӣ. Заминҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

БУРМА, деҳа дар С. қ. Султонобод, р-ни Ленини РСС Тоҷ. Маркази с зи



Буриши геологӣ. Сохти геологии минтаҷаи сурмаю симобдори Зарафшону Ҳисор.

асппарварии «Кӯктош». Дар сари роҳи мошингарди Душанбе — Ёвон воқеъ аст. Аз Б. то маркази С. қ. 3 км, то район 13 км. Аҳол. 518 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, китобхона, нуқтаҳои хизмати маишӣ (устохонаҳои дуредгарӣ, оҳангарӣ, сартарошхона ва ғ.), понвойхона, ошхона, фермаҳои чорво ва мурғпарварӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ—асппарварӣ ва ғаллакорӣ. Сокинонаш аз оби чашма истифода мебаранд.

БУРМАШАВӢИ БАРГ, касалии растанӣ, ки боиси печхӯрии барг мешавад. Б. б.-ро занбӯруғҳои лучхалта (Б. б.-и шафтолу, бодом, олуча, нок, фарк, тӯс, сафедор), вирус (Б. б.-и тамоку, пахта, лаблабу, шоҳтути заминӣ, картошка, тути фарангӣ, ҳамел), баъзан ҳашарот — ширинча (Б. б.-и ҳоти сиёҳ, сурх ва сафед) ё канаҳо меангезанд.

Усули муборизa: бурида сӯхтани шохҳои касал, аввали баҳор ба дарахтон пошидани *фунгицидҳо;* маҳви алафҳои бегона; парвариши растаниҳои ба Б. б. устувор.

БУРС, номи дигари *арча.*

БӮРСА (Bursa), Бруса, шаҳр дар шим. ғарбии Туркия, дар доманакӯҳи Улуғтоғ. Маркази маъмурӣ ва тиҷоратии вил. Бурса. Узели роҳҳои автомобильгард. Аҳол. 212,5 ҳаз. наф. (1965). Саноати абрешим, пашм, чӯбгарӣ, консерви меваю сабзавот, масолеҳи бинокорӣ дорад. Дар наздикии Б. чашмаҳои минералӣ мавҷуданд. Осори меъмориаш: масҷидҳои Орхон (1304—1417), Улуғ Ҷомеъ (1396—1400), Муроди II (1424—27), Яшил Ҷомеъ (1424) ва ғ. Б. аввали а. 2 то м. буньёд ёфтааст. С-ҳои 1326—65 пойтахти империяи Усмонӣ буд.

БУРӮНДИ (Burundi), Республикаи Бурунди (Republique du Burundi), давлат дар Африкаи Марказӣ, дар соҳили шим. шарқии кӯли Танганьика. Масоҳ. 27,8 ҳаз. км². Аҳол. зиёда аз 3,5 млн наф. (1974). Пойтахташ ш. Бужумбура. Б.— республика. 1 нояб. 1976 як гурӯҳ офицерон бо сардории полковник Жан-Батист Багаз дар Б. табаддулоти давлатӣ гузаронданд. Баъди ин дар ш. Бужумбура ташкили Советы Олии революционӣ (СОР) — органи нави давлатии Республикаи Бурунди — расман эълон шуд.

Табиат. Қисми зиёди терр. Б.-ро суфакӯҳ ишғол кардааст (баландии миёнааш 1500—2000 м). Дар Ғ. қ.-кӯҳест, ки то 2670 м баландӣ дорад. Қад-қади соҳили кӯли Танганьика ва д. Рузизи ҳамвории аллювиалӣ тӯл кашидааст. Иқлимаш субэкваторӣ, гарм. Боришоти солона аз 800—1000 то 1400—1600 мм (дар кӯҳсор). Хокаш — сурхтоби гумусдор ва сиёҳи тропикӣ (дар водии д. Рузизи). Ба ҷои бешаҳои тропикии дарахтони баргрезу ҳамешасабз, ки як вақтҳо

терр. Б.-ро пӯшонда буданд, ҳоло саваннаю растаниҳои дастпарвар меруянд. Олами ҳайвонот — фил, говмеш, оҳу, баҳмут, тимсоҳ, намудҳои гуногуни маймун; паррандагони сершумор, хазандагон ва ғ.

Аҳолӣ. Аҳолии Б. аз се гурӯҳи этникӣ иборат аст: баҳуту (86%), тутси (13%) ва пигмейҳо — батва (1%); европоиён, ҳиндуён ва арабҳо ҳам зиндагӣ мекунанд. Дини расмӣ — католикӣ. Забони расмӣ — кирундӣ ва франсавӣ. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 125 наф. Ш-ҳои калон: Бужумбура (90 ҳаз. наф., 1974), Гитега, Нгози.

Очерки таърихӣ. Таърихи давраи қадим ва асрҳои миёнаи Б. кам омӯхта шудааст. Аҳолии аввалини мамлакат пигмейҳо (батва) мебошанд, ки дертар онҳоро қабилаҳои зироатпарвари баҳуту (ба гурӯҳи бантузабонҳо мансубанд) мутеъ гардонданд ва нахустин сохти давлатӣ барпо намуданд. Дар а. 15 ба терр. Б. қабилаҳои чорводори батутси зада даромаданд. А. 18 дар ин ҷо подшоҳии Б. вуҷуд дошт ва он дар нимаи 1-уми а. 19 ба авҷи тараққӣ расида, дар нимаи 2-юми а. 19 дар натиҷаи ҷангҳои байниқабилавӣ таназзул кард. Мустамликадорони европой кӯшиш мекарданд, ки ин ҷангҳоро ба манфиати худ истифода баранд. С. 1899 дар ш. Усумбура (Бужумбура) пости ҳарбии Германия таъсис ёфт ва 1903 Б. ба мустамликаи Германия — Африкаи Шарқии Германия ҳамроҳ карда шуд. Баъди дар ҷанги якуми ҷаҳонии 1914—18 шикаст хӯрдани Германия ҳоки Б. қисми таркибии терр. Руанда — Урундии таҳти мандатии Бельгия гардид. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ махсусан охири с-ҳои 50-ум, дар Б. ҳаракати озодихоҳӣ авҷ гирифт. Партияҳои сиёсӣ ва аз ҷумла Партияи ягонагӣ ва прогресси миллии Б. (УПРОНА) ташкил шуда, барҳам додани тартиботи мустамликадорӣ ва ба мамлакат додани истиқлолиятро талаб карданд. 1 июли 1962 дар Б. ду давлати соҳибихтиёр: Шоҳии Бурунди ва Республикаи соҳибихтиёри Урунди ташкил шуд. 28 нояб. 1966 Б. республика эълон гардид. Ҳукумати Б. принципи бетарафӣ ва ба блокҳо ҳамроҳнашавиро асоси сиёсати беруниии мамлакат эълон кард. С. 1962 байни Б. ва Иттифоқи Советӣ муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд.

Хоҷагӣ. Б. мамлакати қафомондаи аграрист. Қисми зиёди маҳсулоти умумии миллиро х. қ. медиҳад. Дар х. қ. зиёда аз 95% аҳолӣ кор мекунад. Саҳми саноат дар маҳсулоти умумии миллӣ қариб 5% аст. Зироати асосӣ—қаҳва ва пахта. Барои экспорт чой ва канакунҷит мепарваранд. Аз зироатҳои хӯрокворӣ маниок, батат, ямс, лӯбиё, картошка, чой, ҷуворӣ, шолӣ (дар водии д. Рузизи) мекоранд. Барои истеъмоли дохили мамлакат нахли равғандор, чормағзи заминӣ, тамоку парвариш мекунанд. Чорводорӣ роли калон мебозад, вале истеҳсоли маҳсулоти молии он кам аст. Дар кӯли Танганьика моҳигирӣ ривоҷ ёфтааст. Саноат суст тараққӣ кардааст. Маъданҳои камьёб (дар ноҳияи Бужумбура) ва тилло (дар Шим.) ба миқдори кам истеҳсол карда мешавад. Саноати Б. аз корхонаҳои хурди коркарди ашёи хоми х. қ. иборат аст (тоза кардани қаҳва, пахта, равған, собунпазӣ, осиёб, чармгарӣ ва ғ.). Ф-каи чой, з-дҳои цемент, хишт ва чӯбу тахта мавҷуданд. Б. р. о. надорад. Тӯли умумии роҳҳои мошингард 7 ҳаз. км аст. Кӯли Танганьика (бандари асосӣ — Бужумбура) киштигард аст. Дар Бужумбура аэропорт низ ҳаст. Б. ба хориҷа асосан қаҳва, пахта, концентрати қалъагӣ ва дигар металлҳо мебарорад; аз хориҷа маҳсулоти бофандагӣ, озуқаворӣ, воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти нефть мегирад. Б. асосан бо Бельгия ва ШМА савдо мекунад. Воҳиди пул — франки бурунди (100 франки бурунди = ба 1,75 доллар; 1977).

Маданият. Системаи ҳозираи маорифи Б. аз мактабҳои ибтидоӣ ва миёна иборат аст. Таълим дар мактаби ибтидоӣ ба забони кирундӣ сар шуда, дар синфҳои болоии мактабҳои ибтидоӣ ва мактаби миёна ба забони франсавӣ мегузарад. С. 1960 дар Бужумбура ун-т ташкил шуд. Дар Б. газетаҳои ҳукуматӣ ба забонҳои кирундӣ ва франсавӣ интишор мешаванд. Журналҳо низ нашр мегарданд. Барномаҳои радио (аз 1961) ба 3 забон: франсавӣ, кирундӣ, суахили шунавонида мешавад.

БУРӮНОВ Бозорбой (1917, деҳаи Андигони ҳозира р-ни Орҷоникидзеобод—1975, ҳамон ҷо), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1957), Устоди пахтаи РСС Тоҷ. (1957). Иш-

тирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). Б. с. 1936 техникуми педагогӣ ва с. 1937 курси яксолаи бухгалтерии Орҷоникидзеободро хатм кард. С-ҳои 1938—47 бухгалтер, котиби ташкилоти партиявӣ ва раиси к-зи «Қизил йўл», 1947—49 котиби Комитети партиявии р-ни Орҷоникидзеобод, 1949—52 шунавандаи Мактаби партиявии республика, сардори шўъбаи х. қ., 1952—72 раис ва аз с. 1972 мудири фермаи асиҳарвории к-зи «Коммунизм»-и р-ни Орҷоникидзеобод. Дар тараққиёти пахтакории район саҳми калон гузоштааст. Б. бо 2 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, ордени Байраки Сурхи Меҳнат, медальҳо (аз ҷумла 2 медали НКХХ СССР), Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

БУРЯТИСТОН, Республикаи Автономии Советии Социалистии Бурятистон (Буряадай Автономито Совет Социалис Республика). Дар ҳайати РСФСР. Дар Сибири Шарқӣ, дар самти ҷанубӣ ва шарқии кўли Байкал воқеъ гардидааст. 30 мае 1923 ташкил шудааст. Бо Республикаи Халқии Мўғулистон (дар Ҷ.), РАСС Тува (дар Ҷ. Ғ.), вил.-и Иркутск (дар Ш. Ғ.), вил. Чита (дар Ш.) ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 351,3 ҳаз. км². Аҳол. 879, 4 ҳаз. наф. (1 янв. 1977). Б. 19 район (аймоқ), 5 шаҳр, 29 нпш дорад. Пойтахташ — Улан-Удэ.

РАСС Бурят. давлати социалистии коргарону деҳқонон буда, конституцияи ҷориаш 11 авг. 1937 дар Съезди 7-уми Советҳои РАСС Бурятистону Мўғул қабул шудааст. Органҳои олии ҳокимияти давлатӣ: Совети Олии якпалатагии РАСС Бурят., ки ба мўҳлати 5 сол интихоб мегардад, дар давраи байни сессияҳо—Президиуми Совети Олӣ. Органи олии иҷроия ва амрдиҳанда—Совети Вазирони РАСС Бурят. Органҳои маҳаллии ҳокимияти давлат—Советҳои шаҳрӣ, районӣ, посёлкавӣ ва қишлоқии депутатҳои халқӣ.

Системаи судӣ: Суди олии РАСС Бурят. ва судҳои халқӣ.

Табиат. Б. диёри кўҳсор аст. Аз ҷиҳати характери рельеф ба кўҳҳои на чандон баланди Селенга, Саяни Шарқӣ, кўҳсори Байкал ва паҳнкўҳҳои Витим тақсим мешавад. Сарватҳои зеризаминӣ: вольфрам, молибден, тилло, полиметаллҳо, ангиштсанг ва ангишти бўр, маъдани оҳан, сиенити нефелин, боксит, апатит, асбест, графит ва оҳаксанг. Иқлими Б. ниҳоят континентӣ аст: зимистонаш дарози хунук, тобистонаш кўтоҳи гарм. Ҳарор. миёнаи янв. —24° —25° С, июль 17° С — 18° С. Боришоти миёнаи солона дар бисьёр ноҳияҳо 250—300 мм, дар ноҳияҳои кўҳӣ 300—500 мм ва аз ин зиёд. Д-ҳои Б. ба ҳавзаи Енисей (асосан кўли Байкал) ва Лена тааллуқ доранд. Муҳимтарин дарёҳое, ки ба кўли Байкал мерезанд: Селенга, Уда, Баргузин ва Ангараи Боло. Дарьёи калонтарин — Витим (шохоби Лена). 4/5 қисми терр. Б. бо тайга, қисмҳои ҷанубӣ ва марказӣ бо набототи даштӣ ва бешадашт пўшида шудааст. Дар нишебиҳои шимолии қ-кўҳҳои Забайкалия аксар бешаи дарахтони паҳнбаргу абҳул ва ладену абҳул, дар нишебиҳои ҷанубиаш коҷ ва буттаҳои хушкидўст мерўянд. Дар ҷангалзорҳо самур, санҷоб, хаз, харгўш, юз ва хирс, аз ҳайвоноти сумдор—шоҳгавазн, наҳол ва намудҳои дигари оху, гуроз, нахчир ва г. ҳастанд. Дар бешадашт ва даштҳо рўбоҳ, гург, қоқум, хази даштӣ, юрмони думдароз ва г. вомехўранд.

Аҳолӣ. Аҳолии аслӣ—бурятҳо. Дар Б. русҳо, эвенкҳо, украинҳо, тоторҳо ва диг. халқҳо низ зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 2,4 наф. (1974). Ш.-ҳои калонтарин: Улан-Удэ, Кяхта, Бабушкин, Гусиноозерск ва Закаменск.

Очерки таърихӣ. Қасабаҳои қадимии ҳудуди Б. ба давраи палеолит тааллуқ доранд. Аз а. 3 то м. то а. 11 м. дар ҳоки Б. қабилаҳои гуногун: гуниҳо, уйғурҳо, курикапҳо, эвенкҳо ва диг. дар давраҳои гуногун зиндаги намудаанд. Асоси хоҷагии қабилаҳои бурят чорводорӣ буд. Бо шикор, моҳидорӣ ва ҳунарманди низ машғул буданд. Аз а. 17 парокандагии сохти ҷамъияти ибтидоии қабилаҳои асосии бурятҳо сар шуд. Дар Б. аввалин отрядҳои казакони рус пайдо шуданд. То миёнаи а. 17 ноҳияҳои ғарбии Б. ва дар нимаи 2-юми а. 17 қисми Забайкалияи терр. Б. ба ҳайати Россия дохил шуд, ки ин ба пешрафти иқтисодиёт ва маданияти Б. таъсири прогрессивӣ расонд. Дар нимаи 2-юми а. 18 ва нимаи 1-уми а. 19 муносибатҳои молию пулӣ ба вуҷуд омада, вусъат ёфтанд ва аз нимаи 2-юми а. 19 дар Б. монанди тамоми Сибирь тадриҷан процесси умумироссиягии тараққиёти капиталистӣ сар шуд. Сохтмони шоҳроҳи Бузурги Сибирь (1891—1905) ба пешрафти саноат ва ба бозори умумироссия ҷалб шудани Б. ёрӣ расонд. Синфи коргар ташаккул меёфт. С-ҳои 1902—04 бо роҳбарии бадарғашудагони сиёсӣ (И. В. Бабушкин, В. К. Курнатовский, Ем. Ярославский ва диг.) дар Б. аввалин гурўҳҳои с.-д.-ҳо ба вуҷуд омаданд. Дар давраи Рев. Феврали 1917 дар баробари органҳои Ҳукумати Муваққатӣ дар Верхнеудинск (аз 1934 — Улан-Удэ), Троицкосавск (аз 1934 — Кяхта), конҳои Тарбагатай ва Мысовск (аз 1941 — Бабушкин) Советҳои депутатҳои коргарону солдатҳо ба вуҷуд омаданд. Дар давоми февр. 1918 дар тамоми терр. Б. Ҳокимияти Советӣ барқарор гардид. Буржуазия, нойонҳо ва рўҳониён ба аввалин чорабиниҳои органҳои Ҳокимияти Советӣ сахт муқобил баромаданд. Тобистонг с. 1918 Ҳокимияти Советӣ дар Сибирь сарнагун карда шуд. Авг. 1918 Б.-ро кўшунҳои япон ва апр. 1919 кўшунҳои америкоӣ истило карданд. 2 марти 1920


РАСС БУРЯТИСТОН
БРАТСК
ЧЕРЕМХОВО
АНГАРСК
ИРКУТСК
УЛАН-УДЭ
Гусиноозерск
Закаменск
Кяхта
Бабушкин
Тарбагатай
Мысовск
Баргузин
Тоджинский
Бичура
Красный Чикой
Нижнеудинск
Тулун
Зима
Тайшет
Нижнеангарск
Северобайкальск
Усть-Баргузин
Романовка
Исиной
Чернышевск
Сосново-Озерское
Хоринск
Шилка
Балей
Могойтуй
Хилгана
Шишкин
Бичура
Мухоршибирь
Ямарово
Петропавловка
Заиграево
Гусиное Озеро
Тоджинский
Бамбуйка
Калари
Мегет
Бурунча
Кыринский
Нерчинский
Могоча
Ингода
Чита
Ононский
Ингодинский
Сретенский
Ингодинский
Ононский
Шилкинский
Нерчинский
Кыринский
Ингодинский
Ононский
Сретенский
Тунгокоченский
Каларский
Чернышевский
Шилкинский
Нерчинский
Ононский
Ингодин

қисмҳои Армияи Сурх бо ёрии партизанҳо Верхнеудинскро озод намуданд. Б. Ғарбӣ ба ҳайати РСФСР, Б. Шарқӣ ба Республикаи Шарқи Дур дохил гардид. Бо қарори КИМ Умумироссия аз 9 янв. 1922 вил. автон. Бурятистону Муғули РСФСР ташкил шуд. Дар Забайкалияи Шарқӣ дар ҳайати Республикаи Шарқи Дур низ Вил. Автон. Бурятистон ташкил ёфт. 30 маи 1923 ҳар ду вилоят ба РАСС Бурятистону Муғул (марказаш Верхнеудинск) дар ҳайати РСФСР муттаҳид гардиданд. Бо Укази Президиуми Совети Олии СССР 7 июли 1958 номи РАСС Бурятистону Муғул тағйир дода шуда РАСС Бурят. номида шуд. РАСС Бурятистон бо ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь ва ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шудааст.

Хоҷагии халқ. Б. республикаи саноатию аграрист. Маҳсулоти саноат 71% ҳаҷми умумии маҳсулоти хоҷагии халқро ташкил медиҳад. Соҳаҳои асосии саноат: мошинсозӣ, коркарди металл, ҷангал, целлюлозаю коғаз, чӯбгарӣ, масолеҳи бинокорӣ ва саноати сабук. Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ дар Б. базаи сӯзишворию энергетикӣ барпо шуд. Станцияҳои электрикии аловӣ сохта шуданд. Истеҳсоли ангишт, тилло ва молибден аҳамияти калон дорад. З-дҳои авиационӣ, таъмири локомотивҳо ва киштисозӣ ҳастанд. Саноати хӯрокворӣ тараққӣ кардааст. Ноҳияи асосии моҳидорӣ — кӯли Байкал. Соҳаи асосии х. қ. чорводорӣ буда, зиёда аз $^2/_3$ ҳиссаи арзиши умумии маҳсулоти х. қ.-ро медиҳад. Парвариши гӯсфандҳои маҳинпашм ва чорвои калони шохдор барои гӯшту шир аҳамияти калон дорад. Асппарварӣ соҳаи анъанавии чорводорӣ буда, парвариши хуку парранда аз соҳаҳои наванд. Дар шимоли республика гавазн мепарваранд, дар як қатор районҳо шикор ривоҷ ёфтааст. Зироатчигӣ асосан аз ғаллакорӣ иборат буда, бештар гандуми баҳорӣ, сулӣ ва ғ. мекоранд. Районҳои калони ғаллакорӣ: Мухоршибирь, Ҷида ва Бичур. Вазни қиёсии зироати хӯроки чорво низ калон аст. Намуди асосии нақлиёт—р. о. (тӯли умумии он — 646 км). Тӯли роҳҳои мошингард—қариб 3,7 ҳаз. км. Нақлиёти обӣ низ аҳамияти калон дорад. Улан-Удэ бо Москва, Иркутск, Чита ва шаҳрҳои диг. алоқаи ҳавоӣ дорад.

Нигаҳдории тандурустӣ. То Рев. Октябрь дар терр. Б. ҳамагӣ 6 беморхонаи дорои 210 кат ва 41 духтур буд. Ҳоло ба 10 ҳаз. аҳолӣ 25 духтур ва 90 коркуни миёнаи тиб рост меояд. Дар терр. Б. курортҳои бальнеологӣ ва шифохонаҳои Аршан, Горячинск, Нилова Пустыня ва ғ., санатория ва хонаҳои истироҳат ҳастанд. Соҳили кӯли Байкал, қ-кӯҳҳои Хамар-Дабан, Баргузин, Улан-Бургасы ва Саяни Шарқӣ мавзеъҳои хуби истироҳат ва туризманд.

Маданият. То Рев. Октябрь бурятҳо алифбои худро надоштанд. Фақат 4% бачаҳо таҳсил мекарданд. Танҳо 8% аҳолии Б. саводнок буду халос. Соли таҳсили 1976/77 дар мактабҳои маълумоти умумии Б. 176,8 ҳаз. талаба таҳсил мекард. Республика 4 мактаби олӣ, 23 мактаби миёнаи махсус ва 33 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ дорад. С. 1977 дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус 43,8 ҳаз. студент таҳсил кард. То 1 янв. 1975 дар Б. 605 китобхонаи оммавӣ, 662 клуб, 788 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ, 5 музей, 4 театри давлатӣ ва филармония кор мекард. Пеш аз революция Б. ягон муассисаи илмӣ надошт. С. 1922 Комитети илмӣ ба Ин-ти тадқиқоти илмии маданият табдил дода шуд. С. 1958 дар базаи Ин-ти тадқиқоти илмии комплексии Б. шӯъбаи Сибирии АФ СССР ташкил шуд. С. 1966 филиали Бурятистонии шӯъбаи Сибирии АФ СССР барпо гардид. Дар республика 1700 ходимӣ илмӣ, илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла 28 доктор ва 523 номзади илм кор мекунанд. С. 1974 дар Б. 3 газетаи республикавӣ, 19 газетаи аймоқӣ, журнали адабӣ-бадеӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии «Байкал» мебаромад. Радио аз с. 1934, маркази телевизион аз с. 1961 кор карда, барномаҳояшонро ба забонҳои бурятӣ ва русӣ мебаранд.

Боигарии ҳақиқии маданияти маънавии миллӣ, ки ба шаклгирии адабиёти советии бурят таъсир расондааст, эҷодиёти халқ мебошад. Достони қаҳрамонии «Гэсэр» нуқтаи олии назми эпикии бурятҳост. Фаъолияти эҷодии асосгузори адабиёти советии бурят Х. Намсараев солҳои аввали баъди революция оғоз гардида, асарҳои ӯ ба фонди тиллоии адабиёти бурят дохил шудаанд. Адабиёти ҳозираи бурят бо роҳи реализми социалистӣ инкишоф меёбад. Роману повестьҳо, шеъру пьесаҳои Х. Намсараев, Ж. Тумунов, А. Бальбуров, Н. Балдано, Р. Батожабай, И. Калашников, М. Степанов, Н. Дамдинов, Ч. Цыдендамбаев, Ц. Шагжин, А. Шадаев ва диг. эътирофи умум гардида, ба забонҳои бисьёр халқҳои СССР тарҷума шудаанд.

Дар ҳудуди Б. осори қасабаҳои давраи палеолит ва неолит, бисьёр нақшҳои рӯи харсангҳо ва ёдгориҳои асри биринҷӣ боқӣ мондаанд. Бурятҳо аз қадим дар юртаҳои намадӣ зиндагӣ мекарданд. Баробари ба ҳайати Россия дохил шудан сохтмони қалъаҳои чӯбин, калисо ва дайрҳои сангин оғоз ёфт; шаҳрсозӣ авҷ гирифт. Дар санъати ороиш ва амалии халқи бурят гулдӯзӣ дар рӯи махмал, чарм, кандакории устухон ва чӯб, коркарди металл инкишоф ёфтааст. А. 19 дар даданҳо (дайрҳо) амали бутсозӣ, рехтагарӣ, сикказанӣ ва китобчопкунӣ (аз рӯи қолиби чӯбин) паҳн шуда буд. Дар замони советӣ шаҳрҳо ва посёлкаҳои

1. Дарьёи Селенга. 2. Роҳи калони Кяхта. 3. Кӯпруки дарьёи Турка дар роҳи калони Улан-Удэ — Баргузин. 4. Улан-Удэ. Майдони Революция. 5. Намуди умумии посёлкаи Каменск



1624 1625 1626

нав бино ёфта, биноҳои калони ҷамъиятӣ сохта шуданд. Дар сохтмони биноҳои ҳозира аз оҳану бетон, шиша, алюминий, пластика истифода карда, дар ороиши биноҳо нақшу нигори анъанавии миллиро ба кор мебаранд.

Халқи бурят асрҳои аср дар жанрҳои гуногун суруд эҷод мекард. Аз асбобҳои мусиқии халқӣ сур, лимба (нафасӣ) ва хур (камончадор) бештар паҳн шудааст. Дар солҳои Ҳокимияти Совети бастакорони ҳозираи рус П. М. Берлинский, М. П. Фролов, В. И. Морошкин ва С. Н. Ряузов дар пешрафти маданияти мусиқии бурят саҳми калон гузоштанд. Театри давлатии ордени лениндори опера ва балет, Театри давлатии бурят ба номи Х. Намсараев ва Театри давлатии драмаи русӣ ифтихори халқи буряттанд. Балети «Ангараи зебо», ки опро Театри опера ва балет ба саҳна гузошт, с. 1972 сазовори Мукофоти давлатии РСФСР гардид. Дар Б. филармония, ансамбли суруду раҚси «Байкал», хонаи эҷодиёти халқ, омӯзишгоҳҳои маданию маърифатӣ, хореографӣ ва мактаби мусиқи мавҷуд буда, иттифоҚҳои эҷодии нависандагон, бастакорон, рассомон ва журналистон ҳастанд.

Ад.: Буянтуев Б. Р., Радиаев Г. Ш., Советская Бурят-Монголия, Улан-Удэ, 1957; История Бурятской АССР, тт. 1—2, Улан-Удэ, 1954—59; История советской бурятской литературы, Улан-Удэ, 1967; Очерки истории Бурятской организации КПСС, Улан-Удэ, 1970; Очерки истории культуры Бурятии, т. 1, Улан-Удэ, 1972; Бурятская АССР в цифрах (1923—1973), статистич. сб., Улан-Удэ, 1973.

БУРЯТҲО, миллат, аҳолии муқимии РАСС Бурят. Дар округҳои автономии Буряти Агини вил. Чита, Усть-Урдаи вил. Иркутск ва дар баъзе районҳои диг. РСФСР низ зиндагӣ мекунанд. Ғайр аз ин, гурӯҳи Б. сокини қисми шимолии РХМ ва шим. РХХ мебошанд. Шумораашон дар СССР 315 ҳаз. наф. (1970). Ба забони бурятӣ ган мезананд. Дини қадимаашон шамания. Аз рӯи нишонаҳои антропологӣ ба нажоди мугул мансубанд. Б. а. 17 аз чанд гурӯҳи қабилавӣ иборат буданд. Баъдтар ба ҳайати Б. мугулҳо ва баъзе қабилаҳои эвенкҳо дохил шуданд. Б. чун халқият охири а. 17 — ибтидои а. 18 баъди ба Россия ҳамроҳ шудан ташаккул ёфт. Дар ҷараёни ташаккули халқи бурят фарқияти қабилавӣ барҳам хӯрда, танҳо хусусиятҳои лаҳҷавӣ боқӣ мондааст. Б. асосан ба чорводорӣ машғуланд, шикор ва моҳигирӣ дар ҳаёти онҳо роли калон мебозад. Баъди ғалабаи Рев. Октябрь дар солҳои Ҳокимияти Советӣ Б. ба миллати социалистӣ табдил ёфтанд. Роҷеъ ба таърих, хоҷагӣ ва маданияти Б. ниг. низ мақолаи *Бурятистон*.

БУРҲОН برهان Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), лугатнависи форсизабони Ҳиндустон, ки дар а. 17 дар Ҳайдаробод умр ба сар бурдааст. Роҷеъ ба шарҳи ҳол ва ҷараёни зиндагии Б. дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълумоте мавҷуд нест. Б. ба туфайли мураттаб сохтани фарҳанги тафсирии *«Бурҳони қотеъ»* (таснифаш 1652), ки яке аз муҳимтарин фарҳангҳои форсӣ-тоҷикист, шӯҳрат пайдо кард. *Ш. Кабиров.*

БУРҲОН Сайдуллоҳи Машшоқ (1886, ноҳияи Оҳаклики Самарқанд—1943), машшоқ. Ҳаёт ва фаъолияти навозандагии Б. дар Самарқанд гузаштааст. Ба касби навозандагӣ барвақт сар карда, чун машшоқи машҳур ном баровард. Б. барои ҳамтарафа омӯхтани ин касб чандин маротиба бо Ҳоҷӣ Абдулазиз вохӯрда, бо сабки ӯ шинос шуда буд. Аз «Шашмақом», *«Ушшоқ»*, *«Гулъузорам»*, *«Дугоҳ»*, *«Чапандози Наво»*, *«Ироқ»*, *«Насри Ушшоқ»*, *«Савти сабо»*, *«Талқинчаи Баёт»*, *«Орази Наво»* ва ғ.-ро дар назди ӯ аз худ менамояд. Б. бештар дар «Мушкилот»-и «Шашмақом», амали иҷрои машқу тарона ва зарбу усули нақшҳои мусиқии тоҷик истеъдоди баланд дошт. *Т. Шаҳобов.*

«БУРҲОНИ ҚОТЕЪ» برهان قاطع яке аз машҳуртарин ва судмандтарин фарҳангҳои тафсирии форсӣ-тоҷикист, ки с. 1652 дар Ҳайдаробод (Ҳиндустон) аз тарафи Муҳаммадҳусайни *Бурҳон* мураттаб гардидааст. Дар «Б. Қ.» бештар аз 20200 калимаю ибораи форсӣ-тоҷикӣ мавҷуд аст, ки дар он аз аввал то охир тартиби алифбо риоя шудааст. Ин тартиб истифодаи фарҳангро осон кардааст. Дар «Б. Қ.» истилоҳоти гуногун, номҳои набототу ҳайвонот, доруҷот, номҳои маҳаллии предметҳо шарҳ ёфтаанд. Тафсири баъзе калимаҳо бо овардани муодили арабӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва ғайра аниқ шудааст. Агар тарзи навишти баъзе калимаҳои тоҷикӣ ба арабию туркӣ монанд (омограф) бошад, маъноҳои арабию туркии он модда низ шарҳ ёфтааст. Мураттиб аз овардани шоҳиди луғавӣ (барои тасдиқ мисол аз осори адибон) сарфи назар карда, вале дар таълифи фарҳанг ба осори лексикографие такья кардааст, ки аз адабиёти бадеию илмӣ фаровон мисол дорад. Бинобар он аксари мураттибони минбаъдаи фарҳангҳои тафсирию дузабона «Б. Қ.»-ро истифода бурданд. «Б. Қ.» бори аввал с. 1818 дар Калкатта, баъд чандин карат дар Ҳиндустону Эрон ба табъ расидааст. Бори охир аз тарафи донишманди эронӣ Муҳаммад Муин бо интиқоду иловаҳо (1952—56) дар чаҳор ҷилд аз чоп баромад. «Б. Қ.» ба туркии усмонӣ тарҷума шуда, с. 1835 дар Истанбул ба табъ расидааст.

Ад.: Рауфов Ҳ., «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс», Д., 1973. *Ҳ. Рауфов.*

БУРҲОНОВ Аслиддин Бадриддинович (тав. 8. 1. 1915, Бухоро), актёр ва режиссёри советии тоҷик. Арт. Халқии СССР (1965).

Аъзои КПСС аз с. 1945. Аз бачагӣ дар дастаҳои ҳаваскорони Бухоро ва Ғиждувон баромад мекард. Аз с. 1933—актёри Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ. Дар саҳнаи ин театр Б. симоҳои мардони қавиирода, муборизони роҳи озодӣ, шахсони фидокору дурандешро офаридааст. Б. дорои истеъдоди намоён буда, рольҳои чи фоҷиавӣ ва чи мазҳакавиро табиӣ, бо маҳорат ва таъсирбахш бозидааст. Рольҳои иҷрокардаи Б.: Ризо («Муборизо»-и А. Усмонов, 1933) Фердинанд («Макр ва муҳаббат»-и Ф. Шиллер, 1937), Хушвақт («Тӯҳмат»-и С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, 1938), Салим, Сафар («Калтакдорони сурх», 1941; «Дар оташ», 1944, С. Улуғзода), Ҳаҷир, Сӯҳроб («Рустам ва Сӯҳроб» и, А. Пирмуҳаммадзода ва В. Волькенштейн, 1941—45), Ҳоҷиваккос («Арӯси панҷсӯма»-и М. Ӯрдубодӣ, 1943), Коба («Хонлар»-и С. Вурғун, 1951), Қорӣ Ишкамба («Марги судхӯр»-и С. Айнӣ, 1953), Рӯдакӣ («Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода, 1958). Б. нахустин иҷрокунандаи

А. Бурҳонов дар рольҳо: аз чап — В. И. Ленин («Ҳуррият»-и Ғ. Абдулло, 1967); аз рост — Рӯдакӣ («Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода, 1958).

роли В. И. Ленин дар саҳнаи тоҷик (пьесаи Н. Погодин, «Одами милтиқдор», 1948). Баъдтар дар асарҳои саҳнавии «Соли 1919-и фаромӯшнашаванда»-и В. Вишневский (1951), «Соати бурҷи Кремль»-и Н. Погодин (1960), «Тӯфон»-и Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов (1957), «Ҳуррият» ва «Сарбозони инқилоб»-и Ғ. Абдулло (1964), «Корвони бахт»-и М. Миршакар (1972) образи В. И. Ленинро офарид. Яго, Меркуцио, Кент, Труфальдино («Отелло», 1948; «Ромео ва Ҷульетта», 1947; «Шоҳ Лир», 1957; «Хизматгори ду хоҷа», 1947) — беҳтарин рольҳои Б. аз осори драматургияи классикии Ғарб. Фаъолияти режиссёрияш низ бой буда, асарҳои зиёдеро ба саҳна гузоштааст («Муаллими ишқ»-и М. Миршакар, «Арӯси панҷсӯма»-и М. Ӯрдубодӣ, «Гавҳари шабчароғ» ва «Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода, «Ду веронагӣ»-и У. Шекспир ва ғ.). Дар пьесаҳои солҳои охир: «Антигона»-и Софокл (1971), «Дасти дӯст»-и М. Назаров (1974), «Фарьёди ишқ»-и Ғ. Абдулло (1975) рольҳои асосиро иҷро кардааст. Б. дар киноиҳои тоҷик ҳам аз с. 1941 образҳои зиёдеро офаридааст. Дар фильми нави тоҷикии «Аз Ганг то Кремль» (1975) роли намоёнро бозидааст. Вай нахустин ҳунарпешаи тоҷик аст, ки нутқи В. И. Ленинро дар фильмҳои «Одами милтиқдор», «Ленин дар соли 1918» ба тоҷикӣ дубляж кардааст. Минбаъд ҳам дар дубляжи даҳҳо фильмҳое, ки дар онҳо образи В. И. Ленин инъикос шудаанд, иштирок кардааст. Аз с. 1971 дар Ин-ти давлатии санъати Тоҷикистон (аз с. 1978 ба номи М. Турсунзода) аз маҳорати актёрӣ таълим медиҳад. Лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ (1970). Бо ордени Ленин, 3 ордени «Нишони Фахрӣ», Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст. *А. Раҳимов.*

БУРҲОНОВ Музаффар Аслиевич (тав. 3. 7. 1941, Душанбе), артисти балети советии тоҷик. Арт. Халқии РСС Тоҷ. (1971).

Писари А. *Бурҳонов.* Омӯзишгоҳи академии хореографии ба номи А. Вагановаи Ленинград (1952—61), баъд факти балетмейстерии Ин-ти давлатии театрии Москваро (ГИТИС, 1965—70) хатм кардааст. Аз с. 1961 то ҳол солист ва балетмейстери Театри академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ. Б. артисти соҳибзавқ ва соҳибҳунар аст, дар ҳар як образи офаридаи ӯ як чузъи тозаву нотакрор мушоҳида мешавад. Дар Фестивали умумиҷаҳонии артистони балет дар Булғория (ш. Варна, 1964) бо Малика Собирова иштирок намуда, ҷои дуюмро ишғол кард ва ба гирифтани медали нуқра мушарраф гардид. Дар саҳнаи театр чунин рольҳои асосиро иҷро кардааст: Борбанд («Корсар»-и А. Адан, 1961),

М. Бурҳонов дар рольҳо: аз чап — Базиль (балети «Дон-Кихот»-и Л. Минкӯс; аз рост — Альберт (балети «Жизель»-и А. Адан).

Шоҳзода Зигфрид («Кӯли қувон»-и П. Чайковский, 1962), Ленин («Бо роҳи раъди ғуррон»-и Қ. Қароев, 1963), Зафар, Қодир («Афсонаи кӯҳсор», «Писари Ватан»-и Ю. Тер-Осипов, 1964, 1967), Авбош («Хонум ва авбош»-и Д. Шостакович, 1967), Ромео («Ромео ва Ҷульетта»-и С. Прокофьев, 1968), Базиль («Дон-Кихот»-и Л. Минкӯс, 1968), Маҷнун («Лайлӣ ва Маҷнун»-и С. Баласанян, 1970), Темурмалик ва Чингизхон («Темурмалик»-и М. Ашрафӣ, 1972), Шоҳзода («Золушка»-и С. Прокофьев, 1973), Солор («Баядерка»-и Л. Минкӯс, 1974) ва ғ. Дар фильмҳои бадеии «Шаби 1002-юм», «Болеро», «Темурмалик», «Афсонаи шарқ» рақсҳои зиёдеро иҷро кардааст. Режиссёр — балетмейстери балетҳои «Писари Ватан»-и Ю. Тер-Осипов, (1967), «Лайлӣ ва Маҷнун»-и С. Баласанян, (1970), «Темурмалик»-и М. Ашрафӣ, (1972) ва диг. Дар чандин спектакльҳои дар мамлакатҳои хоричӣ: Канада, Италия (1967), Бельгия (1968), Туркия (1972), Эрон, Муғулистон (1973) гузошташуда рольҳои асосиро иҷро кардааст. Лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ (1967). Б. бо орденҳои «Нишони Фахрӣ», «50-солагии ғалабаи Революцияи Муғулистон», Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ., Белоруссия, Украина ва ғ. мукофотонида шудааст.

БУРҲОНӢ برهانی Амир Абдумалик Муҳаммади Нишопурӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 11 форсӣтоҷик, падари шоири маъруф Амир *Муиззӣ.* Б. аслан аз Нисои Мовароуннаҳр буда, азбаски дар Нишопур (дар дарбори Салҷуқиён) зиста ва хизмат мекард, ба Б.-и Нишопурӣ шӯҳрат ёфтааст. Дар як сафари Маликшоҳи салҷуқӣ (1055—92) ба Қазвин ҳамроҳӣ карда, дар он ҷо вафот кардааст. Б. дар замонаш шоири маъруфе буда, вале мероси адабиаш пурра то замони мо нарасидааст. Аз ашъораш андаке боқист. *У. Яҳьёев.*

БУРҶ, бинои манорашакле, ки дар гӯшаҳои девори қалъа, ҳисор, қаср ва истеҳкомҳои ҳарбӣ асосан барои дидбонӣ ва мақсадҳои мудофиавӣ месохтанд. Б. дорои хоначаҳои махсус низ буда, аз гил, хишт ва диг. масолеҳи мустаҳкам бино меёфт. Намунаҳои беҳтарини Б. дар меъмории Бухоро, Самарқанд, Хева, Исфаҳон, Шероз, Ҳирот ва ғ. вомехӯранд.

БУРҶ, (ар. برج) **галаситора, хӯшаситора,** дар астрономияи муосир минтақаҳое, ки ба онҳо гумбази осмон барои ситораҳоро бо осонӣ мушоҳида кардан ҷудо карда шудааст. Дар замони қадим гурӯҳи ситораҳои мунир, ки тимсоли чизеро ба тасаввур меоварданд, Б. номида мешуданд. Аз рӯи тимсол ба Б.-ҳо номи қаҳрамонони асотир, ҳайвоноту парандагон, асбобу таҷҳизоти хоҷагиву рӯзгор (Андромеда, Персей, Асад, Арнаб, Заррофа, Даҷоҷа, Уқоб, Мизон, Ботийя, Каъб, Бодбон, Заврақ, Зовия) ва ғ.-ро додаанд. Ба Б.-ҳо ҷудо кардани осмони ситораҳо моҳияти илмӣ надорад. Ҳамаи осмон ба 88 Б. тақсим карда шуда, номи онҳоро Иттиҳодияи байналхалқии астрономӣ ба қайд гирифтааст (1930); феҳристи Б.-ҳо ва харитаи осмони ситораҳоро ниг. дар мақолаи *Осмони ситораҳо.*

БУРҶҲОИ ДУВОЗДАҲГОНА, зодиак, 12 бурҷе, ки дар тӯли ҳаракати зоҳирии солонаи Офтоб (эклиптика) ҷой гирифтаанд. Хати ҳаракати зоҳирии сайёраҳои Системаи

Бурҷҳои дувоздаҳгонаи қадимаи араб.

Офтоб ва Моҳ низ аз болои Б. д. мегузарад. Дар замонҳои қадим минтақаи бурҷҳоро ба 12 ҳисса тақсим карда, аз рӯи тартиб чунин ном гузоштаанд: Ҳамал (Барра), Савр (Гов), Ҷавзо (Дупайкар), Саратон (Харчанг), Асад (Шер), Сунбулаҳ (Хӯша), Мизон (Тарозу), Ақраб (Каждум), Қавс (Камон), Ҷадӣ (Бузғола), Далв (Дӯл), Ҳут (Моҳӣ).

Юнониёни қадим Б. д.-ро ба гурӯҳи махсус ҷудо намуда, ҳар кадоми онро бо аломати махсус ишорат кардаанд (ниг. *Аломатҳои астрономӣ*). Нуқтаҳои эътидоли баҳорӣ (Ҳамал), эътидоли тирамоҳӣ (Мизон), инқилоби тобистона (Саратон) ва инқилоби зимистона (Ҷадӣ)-ро низ бо аломати бурҷҳои мувофиқ ишорат кардаанд. Бо вуҷуди ин ки дар натиҷаи прецессия нуқтаҳои мазкур дар ду ҳазор сол мавқеи худро дигар кардаанд, аломатҳои қадиман онҳо то замони мо бетағйир мондаанд.

БУСЛИК برسليك Абусалик ابوسليك номи шахс, мақоми сеюм дар системаи «Дувоздаҳмақом», ҷамъи онҳо 29-доираро ташкил медиҳад ва ба пардаи натуралии «фригий» мувофиқ меояд. Дар нота чунин аст:



Дар мусиқии тоҷик таронаву оҳангҳое ҳастанд, ки бевосита ба мақоми Б. навохта мешаванд. Дар байни парда, қаторовозҳои 4—5-уми мақоми Б ба ҷои нимпарда, баъзан пардаи пурра меояд. *А. Рачабов.*

БУССЕНГО (Boussingault) Жан Батист (2. 2. 1802, Париж — 11. 5. 1887, ҳамон ҷо), химики франсави, яке аз асосгузорони агрохимияи илмӣ, аъзои АФ Париж (1839). Б. як қатор масъалаҳои физиология ва агрохимия (ғизогирии решаи растанӣ, нуридиҳӣ, мубодилаи моддаҳо дар табиат, мубодилаи моддаҳои нитрогенӣ, динамикаи нитрогени хок) ва ғ.-ро ҳал кардааст. Б. асосгузори методи нашвӣ дар физиологияи растанӣ аст.

Ас.: Избранные произведения по физиологии растений и агрохимии, М., 1957.
Ад.: Тимирязев К. А., Жан Батист Буссенго, Собр. соч., т. 2, М., 1948.

БУТ (санам), муҷассама ё тимсоли сангин, чӯбин, сафолин, фулузӣ ва диг. ашьёи моддӣ, объекти парастиш. Б. (ниг. *Бутпарастӣ*) дар замонҳои қадим пайдо шудааст. Намунаҳои маъмули Б. дар замони ҳозира ҳайкалҳои Буддо, муҷассамаҳои худоёни ҳиндӣ ва салибу уқнум дар *масеҳият* мебошанд. Парастиши санги сиёҳи Каъба дар ислом низ навъе аз бутпарастии тоисломӣ аст. Дар Африка, Америкаи Лотинӣ, Австралия ва ҷазираҳои уқ. Ором ҳанӯз халқҳое ҳастанд, ки муҷассамаҳои ҳайвонотро ҳамчун Б. мепарастанд. Дар тасаввуф истилоҳи Б. одатан ба маъноҳои чизҳои ғайри зоти худо ва дар адабиёти сӯфия ба маъноҳои маҳбуба истифода мешавад. *Н. Рустамов.*

БУТАДИЕН, дивинил, $CH_2 = CH - CH = CH_2$, пайвасти органикӣ; гази беранг, бӯи хос дорад; t гуд.— 108,9° С, t ҷӯш — 4,5° С; зичиаш дар 6° С 0,650 кг/м³. Дар об бад, дар спирт ва карасин нағз ҳал мешавад. Б. бо ацетальдегид ва аммиак омехтаи азеотропӣ, бо ҳаво (1,6—10,8% Б.) омехтаи тарканда ҳосил менамояд. Б. ба осонӣ *полимеризация* ва сополимеризация шуда, каучукҳои синтезӣ ҳосил мекунад. Б.-ро дар саноат аз дегидрогенизацияи бутан ва бутилени таркиби газҳои нефть, дегидратонии спирти этил ва аз ацетилен ҳосил мекунанд.

БУТАМӢН, Путтан, ал-Буттам, мавзеи таърихӣ дар болооби Зарафшон дар а-ҳои 7—9. Ба он рустоҳои Мастчоҳ, Фалғар, Яғноб, Киштут, Моғиёну Фороб дохил мешуданд. Б.-ро дар аҳди халифа Язид ибни Муҳаллаб (701—704) писари ӯ Муҳаллад фатҳ кард. Лекин аҳолӣ шӯриш бардошта, арабҳоро пеш кард. Фақат бори дуюм солҳои 713—14 арабҳо Б.-ро забт ва ибодатхонаҳои онро ғорат намуданд. Мувофиқи ахбори ҳуҷҷатҳои суғдии қалъаи *Абаргар* (Муғ) Б. солҳои 715—722 ба давлати Панҷ (Панҷакент) ҳамроҳ карда шуд. Дар ин вақт дар Б. волии *Деваштич* ҳукмронӣ мекард. Дар а-ҳои 5—8 деҳаҳои Б. хеле ободу зебо шуда, ҳунармандӣ, тиҷорат, зироат ва чорводорӣ тараққӣ кардааст. Ҳуҷҷатҳои суғдии қалъаи Абаргар шаҳодат медиҳанд, ки аҳолии Б. як андоза саводнок буд. Дар ҳуҷҷатҳо номи бисьёр деҳаҳо ва рустоҳои Б. ба монанди Дар-Дар, Урметан, Варз, Хушикат, Зировадк, Искодар, Мадм, Кум, Курут, Похут, Шаватк, Мадрушкат, Фатмев, Вешист, Утоғар, Марғузор, Саритоғ, Ҷичик, Зосун зикр ёфтаанд ва маълум мешавад, ки онҳо таърихи 1500-сола доранд. Бутамонӣҳо дар шӯриши с. 720—22 фаъолона иштирок доштанд. Аз ин рӯ, арабҳо бисьёр деҳаҳо ва маркази Б. Мадмро хароб карданд. Баъди шӯриши с. 722 ва таназзули давлати Панҷ Б. боз мустақил шуда, а. 9 дар он маликае бо номи Зулнона ҳукмронӣ мекард. Дар а. 10 Б. ба ду қисм ҷудо шуд. Рустоҳои Фалғар, Яғноб ва Мастчоҳ ба Истравшан ва Киштуту Моғиён ба Самарқанд ҳамроҳ карда шудаанд. Бино ба маълумотҳои сарчашмаҳои ҷуғрофии а-ҳои 10—12 аз кӯҳҳои Б. тилло, нуқра, зоҳ, мис, оҳан, навшодир ва ғ. истеҳсол менамуданд. Аз а-ҳои 12—13 дар натиҷаи паҳн шудани забони дарӣ ва аз байн рафтани забони суғдӣ номи Б. Кӯҳистон ё худ Ғарчистон шуд.

Ад.: Лившиц В. А., Юридические документы и письма. («Согдийские документы с горы Муг», в. 2), М., 1962; Боголюбов М. Н., Смирнова О. И., Хозяйственные документы. («Согдийские документы с горы Муг», в. 3), М., 1963; Ёқубов Ю., Ёдгориҳои болооби Зарафшон. Д., 1977. *Ю. Ёқубов.*

БУТАФӢРИЯ (аз итал. buttare партофтан ва buori аз назар), ашьё ва асбобҳои ба ивази чизҳои ҳақиқӣ истифодашаванда (ҳайкал, асбобҳои рӯзгор, аслиҳа, зару зевар ва ғ.), ки дар саҳна ба кор мебаранд. Одатан Б.-ро аз масолеҳи арзон (картон, чӯб, матоъ, папье-маше, пенопласт) тавре месозанд, ки аз чизҳои ҳақиқӣ фарқ накунад ва ба равиши воқеаҳои спектакль ёрӣ расонад. Б. инчунин дар панорамаҳо, намоишгоҳҳо, витринаҳо, рекламаҳо истифода мешавад. Ходими театр, ки Б.-ро тайёр мекунад, бутафор ном дорад.

БУТКАДА (بتكده — бутхона, парастишгоҳ), маъбади бутпарастон (ниг. *Бутпарастӣ*). Яке аз Б.-ҳои машҳури тоисломӣ Каъба (дар Макка) буд. Мувофиқи ривоятҳои мусулмонӣ баъди ғалаба бар бутпарастони Макка аз хонаи Каъба 360 бут бароварда, Каъбаро хонаи Оллоҳ эълон кардаанд. Калисои масеҳиёнро низ баъзан Б. меғӯянд, зеро дар он ҷо уқнуми (икона)-и писархудо (Исо ва Биби Марьям) парастида мешавад. *Н. Рустамов.*

БУТЛЕРОВ Александр Михайлович (15. 9. 1828, Чистополь, ҳоло РАСС Тот.—17. 8. 1886, деҳаи Бутлеровка, ҳоло р-ни Алексеевскийи РАСС Тот.), арбоби ҷамъиятӣ, сарвари барҷастаи мактаби химик-органикҳои рус, акад. АФ Петербург (1874). Аъзои фахрии бисьёр ҷамъиятҳои илмии Россия ва хориҷӣ. Баъди хатми Ун-ти Қазон (1849) дар ҳамон ҷо кор кард, с-ҳои 1868—85 проф. ординарии химия дар Ун-ти Петербург. С-ҳои 1878—82 раиси шӯъбаи химияи Ҷамъияти физикаю химияи рус. Дар лабораторияи Ш. А. Вюрц дар Париж корҳои таҷрибавӣ гузаронида, усули нави ҳосил кардани иодиди метилен-ро кашф намуд, ҳосилаҳои онро омӯхт, аввалин бор гексаметилентетрамин (уротропин) ва полимери формальдегидро синтез кард. С 1871 назарияи сохти химиявиро кашф кард. Б. аввалин шуда ҳодисаи *изомерияро* шарҳ дода, дар асоси *назарияи сохти химиявӣ* полимеризацияро муттасил тадқиқ кард. Бо мақсади паҳн ва тасдиқ намудани назарияи худ Б. с-ҳои 1864—66 дар Қазон 3 нашри «Введение к полному изучению органической химии»-ро чоп кард. Б. ғайр аз химия ба масъалаҳои амалии хоҷагии халқ, богдорӣ, занбӯрпарварӣ ва ғ. аҳамияти калон медод.

Ас.: Соч., т. 1—3, М., 1953—58.

БУТӢН (ба заб. бхотия Друк-Юл), давлат дар нишебиҳои ҷан. Ҳимолои Шарқӣ, байни Ҳиндустон ва Тибети РХХ воқеъ аст. Масоҳ. 47 ҳаз. км². Аҳол. қариб 1,3 млн наф. (1970), асосан халқи бхотия ва қабилаҳои ба онҳо хеш (абор, машми, мири),

непалиҳо (гурунги, кирантн, ран) ва ассомиҳо зиндагӣ мекунанд. Дини давлатӣ — буддоия. Забони расмӣ — бхотия. Пойтахташ—Тхимпху (аҳол. 10 ҳаз. наф., 1973).

Б. — давлати подшоҳӣ. Бо Ҳиндустон муносибатҳои махсуси шартномавӣ дорад. Б. дар минтақаи баландкӯҳи Ҳимолои Шарқӣ (к. Ҷамолҳарӣ, баландиаш 7314 м) ҷой гирифта, онро водиҳои чуқури д-ҳои ҳавзаи Брахмапутра (Амо, Санкош, Куру ва диг.) бурида мегузаранд. Иқлимаш муссонӣ, асосан сернами тропикӣ. Олами набототаш бештар аз растаниҳои бешагӣ (дарахтони паҳнбарг ва сӯзанбарг) иборат аст. Аз ҳайвоноти ваҳшӣ фил, каркадан, бабр, паланг, юз, шоҳбарзагов, маймун, оҳуи мушкин, хирси ҳимолой, рӯбоҳ ва ғ. бештар дучор меоянд. Бутониҳо дар давоми солҳои зиёд ламаҳои Тибетро пири рӯҳонии ламаю дайрҳои худ ҳисоб мекарданд. Мустамликадорони Англия аз нимаи 2-юми а. 19 бар Б. назорат барқарор намуданд. Баъди эълон шудани истиқлолияти Ҳиндустон (1947) 8 авг. с. 1949 байни Ҳиндустону Б. созишнома ба имзо расид, ки мувофиқи он Б. ба соҳибихтиёрии корҳои дохилии худ ноил гардид ва масъалаҳои сиёсати беруниро бо маслиҳату машварати ҳукумати Ҳиндустон ҳал мекунад. Б. аз с. 1971 аъзои ТДМ аст. С. 1954 дар Б. Маҷлиси миллӣ (150 наф. аъзо) таъсис ёфт, ки аз $^2/_3$ аъзоёни он ба воситаи интихоботи серзина интихоб мешаванд ва боқимондаашонро шоҳу пирони дайрҳои калонтарин таъин менамоянд. Маҷлиси миллӣ с-ҳои 1968—69 ба ҳалли мустақилонаи як қатор масъалаҳо ҳуқуқ пайдо намуд. Он с. 1970 дар бораи маҳдуд кардани ҳокимияти шоҳ қарор қабул кард.

Б. мамлакати аграрии феодалист. Шолӣ, гандум, ҷав, арзан, ҷуворимакка, марҷумак, картошка, пахта парвариш мекунанд. Дар ҷан. шарқии мамлакат боғдорӣ тараққӣ кардааст (манго, афлесун ва ғ.). Дар чарогоҳҳои кӯҳӣ чорво мепарваранд (гӯсфанд, говмеш, аспи тоту, қутос ва ғ.) Бешаҳо аз дарахтони пурқимат бой буда, чӯбу тахта, лок, шилм ва мум тайёр мекунанд. Корхонаҳои косибию ҳунармандӣ матоъҳои пашмину пахтагин, қолин, коғаз, олотҳои оддии х. қ., асбобу анҷоми рӯзгор истеҳсол мекунанд. Ороиш ва нақшу нигори металл ва кандакории чӯб ривоҷ ёфтааст. Истеҳсоли маъдани оҳан, ангиштсанг, гаҷ, абрақ, графит кам аст. Б. станциаи ҳурди электрикӣ (дар Тхимпху), ф-каи шарбати мева ва з-ди вино дорад. Тӯли роҳҳои мошингард — 1500 км. Бо Ҳиндустон алоқаи ҳавоӣ дорад. Б. асосан бо Ҳиндустон савдо карда, ба он ҷо чӯб, консерви мева, ангишт, мушк, лок, мум, ҳичунин оҷ мефиристад. Воҳиди пул—тикчунг (1 тикчунг = 0,5 рупияи Ҳиндустон; 1977).

Маорифи халқ тараққӣ накардааст. 95% аҳолии калонсоли Б. бесавод аст. Мӯҳлати таҳсил дар мактабҳои ибтидоӣ 5-сол, мактаби миёнаи нопурра 3-сол аст. Таълим ба забони бхотия мегузарад. Омӯзиши забонҳои ҳиндию англисӣ ҳатмӣ мебошад. Б. дорои омӯзишгоҳи педагогӣ буда, мактабҳои олӣ надорад.

БУТО́РИН Виктор Васильевич (1898—7. 3. 1974, Киев), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944), сержанти калони гвардия. Иштирокчии Ҷанги граждани мебошад. Бисьёр солҳо дар системаи Ҷамъияти матлуботи вил. Кӯлоб кор кардааст. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз окт. 1941. Б. командири собиқ взводи дивизияи 16-уми саворааи гвардиягии Чернигов шуда хизмат кардааст. Иштирокчии муҳорибаи Сталинград. 29 сент. 1943 взводи Б. дар ҷанг барои гирифтани нуқтаи такьягоҳ дар к-зи «1-уми Май»-и вил. Чернигов ба тирборони шадиди душман дучор гашт. Ду бор маҷрӯҳ шуда бошад ҳам, взводи ӯ аввалин шуда ба к-зи «1-уми Май» ворид гашт. Душман тоб наоварда ақиб нишаст. Б. баъди ҷанг дар ш. Киев кор кард. Аз с. 1958 нафақахӯр. Бо орденҳои Ленин, Байраҳи Сурх, медальҳои «Барои шуҷоат» ва «Барои мудофиаи Сталинград» мукофотонида шудааст. *Л. П. Сечкина.*

БУТПАРАСТӢ, ибодати ашьёи маснӯӣ, *бут*, ки худоҳоро таҷассум мекунанд. Б. дар замонҳои қадим дар заминаи *сеҳр* ва *фетишизм* пайдо шудааст. Дар ибтидо одамон ашьёи табиӣ (дарахтон, ҳайвонот, сангҳо, ҷирмҳои осмонӣ, дарьёҳо ва ғ.)-ро мепарастиданд. Бо мурури замон ба бут ҳар чи бештар шакли одамӣ дода, онро «махзан» ё «инъикоси» қувваҳои фавқуттабиӣ—рӯҳ, худо медонистанд. Б. дар Осиёи Миёна ҳам васеъ паҳн шуда буд, ки ба ин осори «маъбади бутҳо», буткадаҳо ва бозорҳои бутфурӯшӣ гувоҳӣ медиҳанд. Баъди истилои араб ва паҳн шудани дини ислом ҳам Б. муддате ҷой дошт. Дар динҳои муосир (масеҳият, буддоия, дини яҳудӣ) Б. дар шакли парастиши сурати худо, салиб, муҷассама ва ғ. дида мешавад. *С. Додобоева.*

БУТТА, растаниҳои бисьёрсолаи дарахтшакл, ки аз гарданаи реша шох меронанд. Б. баръакси *дарахт* танаҳои бисьёри паст дорад. Б. 10—20, баъзан 40—50 сол рушд карда, аз 0,8 то 6 м баланд мешавад. Б. дар ҳамаи минтақаҳои наботот, махсусан дар минтақаҳои хушк, континенталӣ, субтропикӣ ва субальпии кӯҳӣ бештар паҳн шудааст. Дар рафти таҳаввули олами наботот аксари Б.-ҳо аз дарахтон дар натиҷаи ба шароити номусоид мондани онҳо пайдо шудаанд. *Буттача* ва алафҳои бисьёрсола аз Б. ба вуҷуд омадаанд. Б.-ро барои ему хошок, буньёд намудани *буттадевор* ва ғ. истифода мебаранд.

БУТТАДЕВО́Р, д е в о р б у т т а, қатори зичи бутта ё дарахтони баландиашон якхела. Дар сабзкорӣ бо мақсади муҳофизати роҳ, ҷудо кардани биноҳои истиқоматӣ аз кӯчаҳо, гирдогирди кӯчабоғ, гулзору гулгаштҳо ва ғ. барпо мекунанд; дар ороиши гулзору боғ, боғҳои истироҳатӣ ва кӯчаҳои шаҳр ва ғ. истифода мекунанд. Барои Б. бештар савр, мушол, магония, баъзе навъи садбарг, дулона, настаран, тут, лигуструм (деворбутта) ва ғ.-ро ба кор мебаранд.

БУТТАЧА́, растании бисьёрсолаи кучакест, ки танаи асосӣ надорад. Баландиаш аз 5 то 60 см. Б. бештар решаи дароз ва навдаи ҳазанда дорад. Навдаҳои асосии Б. 5—10 сол рушд мекунанд. Б. дар олами набототи тундра, бешаи сӯзанбарг, ботлоқзори сфагнӣ, баландкӯҳҳои Америкаи Ҷанубӣ, Африкаи Ҷанубӣ, Помир ва ғ. вомехӯрад.

БӮФФАЛО (Buffalo), шаҳр дар шим. шарқии ШМА, дар шт. Нью-Йорк. Дар соҳили шарқии кӯли Эри воқеъ аст. Яке аз бандарҳои калонтарини Кӯлҳои Бузург (муомилоти бор зиёда аз 15,1 млн т). Узели р. о. ва шоссе. Аэропорт дорад. Яке аз марказҳои саноатӣ ва тиҷоратии ШМА. Аҳол. 458 ҳаз. (бо атрофаш 1337 ҳаз. наф., 1970). Соҳаҳои асосии саноаташ: металлургияи сиёҳ, мошинсозӣ (автомобилу самолётсозӣ, таҷҳизоти элетротехникӣ ва ғ.), химия ва хӯрокворӣ. ГЭС-и Ниагара корхонаҳои саноатиро бо қувваи электр таъмин мекунад. Ун-т (аз 1846), Музеи ҷамъияти фанҳои табиатшиносӣ дорад. Б. охири а. 18—аввали а. 19 буньёд ёфтааст.

БУФФОНА́ДА (аз итал. buffonato — ҳазлу шӯхӣ, масхарабозӣ), як усули бозии актёрӣ (одатан мазҳакавӣ). Дар Б. актёр кӯшиш мекунад, ки хусусиятҳои хоси зоҳири персонажро то ҳадди охирнаш ифода кунад, ҳатто ба иғроқ расонад. Б. дар театрҳои кӯчагии мимҳо ва скомороҳҳо пайдо шуда, онро дар мазҳакаи италиявии дель арте истифода мебурданд. Б. баъдтар дар драматургияи Ж. Б. Мольер, К. Гольдони, В. Маяковский ва ғ. мавқеъ пайдо кард. Б. махсусан дар санъати цирк маъмул аст.Ниг. низ *Ширинкорӣ*.

БУХАРЕ́СТ, Б у к у р е ш т и (Bucureşti), пойтахти Республикаи Социалистии Румыния. Маркази маъмурию сиёсӣ, иқтисодӣ, илмию маданиии мамлакат. Дар қисми марказии пастии Дунаи Поён, дар соҳили д. Дымбовица ҷойгир аст. Узели р. о., автомобильгард ва алоқаи ҳавоии дорои аҳамияти байналхалқӣ (аэропорташ Бэняса). Масоҳ. 970 км². Аҳол. 1589 ҳаз. наф. (1975). Б. $^1/_6$ ҳиссаи маҳсулоти умумии саноати Румыния, аз ҷумла қариб $^1/_4$ ҳиссаи саноати мошинсозӣ ва химияро медиҳад. Соҳаҳои асосии саноаташ: мошинсозӣ (махсусан мошинҳои нақлиёт ва х. қ.,

Бухарест. Шоссеи Чурчу.

электротехникӣ) ва коркарди металл, хӯрокворӣ, бофандагӣ, химия, дӯзандагӣ, чарму пойафзол. Корхонаҳои саноати металлургияи ранга ва сиёҳ, масолеҳи бинокорӣ ва шишаю чинӣ, чӯбгарӣ ва целлюлозаю коғаз мавҷуданд. Б. бо ноҳияҳои газу нефтьдори мамлакат алоқаманд аст. Дар Б. АФ РСР (аз 1879), ун-т (аз 1864), ин-тҳои политехники, сохтмон, иқтисодиёт ва диг. мактабҳои олӣ, консерватория, музейҳо, театрҳо мавҷуданд. Қисми асосии шаҳр дар соҳили чапи д. Дымбовица ҷойгир аст. Маркази нави Б.—хиёбон ва майдони Ғалаба, маҳал ва районҳои нав — Флоряска, Б.-и Нав ва г. буньёд шуданд. Б. аз а. 14 маълум аст, аз с. 1659 — пойтахти князии Валахия, аз с. 1861 — пойтахти Румыния.

БУХГАЛТЕРИЯ (нем. Buchhalter— бухгалтер, Buch — китоб, halter—нигоҳ доштан), 1) бурдани ҳисоби бухгалтерӣ. 2) Шӯъбаи мустақили маъмурии корхонаю ташкилотҳо, ки ҳисобукитоби бухгалтериро анҷом дода, ҳисобот тартиб медиҳад ва риоя шудани интизоми молиявию сметавиро назорат мекунад. Дар СССР фаъолияти Б. бо Низомномаи оид ба сарбухгалтерҳои (бухгалтерҳои калон) корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ, кооперативию ҷамъиятӣ (бидуни колхозҳо), бо Низомнома дар бораи ҳуҷҷатҳою навиштаҷоти ҳисобукитоби бухгалтерии корхонаҳо, ташкилотҳои хоҷагӣ ва диг. низомномаю дастуруламалҳое, ки Вазорати молияи СССР тасдиқ кардааст, ба тартиб дароварда мешавад. Ба Б. сарбухгалтер роҳбарӣ мекунад. Дар корхонаҳои калон Б. ба гурӯҳҳо тақсим карда шуда, ба онҳо соҳаҳои муайяни ҳисобукитоб (ҳисоби масолеҳ, ҳисоби истеҳсол, ҳисоби маҳсулоти тайёр) супурда мешавад. Кори Б. аз рӯи графики тасдиқкардаи роҳбари корхона ва ё ташкилот ичро мегардад. Б.-и корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагӣ ба Б.-ҳои ташкилотҳои боло тобеъ мебошад. Дар вазоратҳо ва идораҳо Б.-ҳои марказӣ мавҷуданд, ки ба ҳамаи корҳои ҳисобукитоб ва ҳисоботи корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои тобеи онҳо роҳбарӣ мекунанд. Б.-и марказӣ ба гурӯҳҳо (гурӯҳи методологияю дастуруламал, назорату тафтишот, ҳисоботи умумию аналитикӣ) ҷудо мешавад. Дар пойтахтҳои республикаҳои иттифоқӣ, марказҳои кишвару вилоятҳо ва баъзе шаҳрҳои калон барои корхона ва ташкилотҳои якхелаи саноат, сохтмон, нақлиёт, савдо ва соҳаҳои хоҷагии халқ, ки ҳаҷми кори ҳисобукитобашон на чандон калон аст, Б.-ҳои марказонидашуда (соҳавӣ) ташкил карда шудаанд.

Бухарест. Шоссеи Киселёв. Дар мадди пеш Тоқи Зафар.

БУХЕНВАЛЬД (Buchenwald), лагери концентрациони фашистони гитлерӣ дар Германия. Дар музофоти Веймар (Германияи Шарқӣ) с. 1937 таъсис ёфт. Дар зарфи 8 сол дар Б. 239 ҳаз. намояндагони 18 миллат шиканҷа дидаанд. 14 авг. 1944 дар Б. Эрнст *Тельман* ваҳшиёна кушта шуд. Тақрибан 10 ҳаз. бандиён, аз ҷумла 8,5 ҳаз. асирони ҳарбии советӣ қатл шуданд. Апр. 1945 ҳангоми торумори фашистони гитлерӣ маҳбусон шӯриш бардошта, Б.-ро барҳам доданд. С. 1958 ба хотираи шаҳидони Б. маҷмӯи ёдгорӣ сохта шуд. Ҳоло Б музеи таърихӣ мебошад.

БУХОРО, шаҳр дар РСС Ӯзб., маркази вил. Бухоро (аз 1938). Дар ҷан. ғарбии РСС Ӯзб., дар поёноби д. Зарафшон ва ҳавзаи канали Шаҳрруд воқеъ аст. Аҳол. 147 ҳаз. наф. (1977).

Очерки таърихӣ. Дар натиҷаи ҳафриёти археологӣ олимон ба хулосае омадаанд, ки шаҳр тақрибан 2500 сол қабл аз ин, яъне дар а-ҳои 6—5 то м. буньёд шудааст. Эҳтимол меравад, ки номи Б. бо номи ҷои ҷамъшавии буддоиҳои қадим — «Вихара» (ҳиндӣ) ё «Бихор» (форсӣ) алоқаманд аст. Дар қадим Б. Нумиҷкат, Бумиҷкат ё Бумискат ва Фохиро ном доштааст. Арабҳо ин шаҳрро «Мадинатус-суфрия» («Шаҳри мис») ё «Мадинат-ут-туҷҷор» («Шаҳри тоҷирон») номидаанд. Б. дар а-ҳои 6—8 пойтахти давлати *Бухорхудот*ҳо буд. с. 709 онро қӯшуни сарлашкари араб *Қутайба ибни Муслим* забт намуд. А-ҳои 9—10 Б. пойтахти давлати *Сомониён* — аввалин давлати миллии тоҷикон гардид, ки тамоми сарзамини Мовароуннаҳру Хуросонро фаро мегирифт. Дар ин давра Б. ҳамаҷониба нашъунамо ёфт, маркази инкишофи илму маданият гардид. Дар Б. доираҳои сершумори илмиву адабӣ мавҷуд буданд. Зиндагӣ ва фаъолияти шоирону олимони бузурги тоҷик, аз қабили Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Балъамӣ, Ибни Сино, Наршахӣ ва амсоли инҳо дар ҳамин шаҳр ҷараён ёфтааст. Дар Б. яке аз китобхонаҳои калонтарин ва бойтарини Шарқ—«Савон-ул-ҳикмат» ва бозори махсуси китобфурӯшӣ мавҷуд буд. Аз рӯи маълумоти Наршахӣ аз бозор доир ба соҳаҳои гуногуни илм (ҳисоб, тиб, ҳуқуқ, ҳандаса, нуҷум) ва адаб ба забонҳои дарӣ ва арабӣ китобҳо пайдо кардан мумкин буд. Дар охири а. 10 системаи давлатдории Сомониён суст шуд, с. 999 Б.-ро қабилаҳои бодиянишини қарахонӣ ва с. 1141 бодиянишинони дигар — қарахитоиён забт намудаанд. С. 1220 Б.-ро ӯрдуи Чингизхон ишғол, аҳолиро қир ва осори маданияти моддиву маънавиро нобуд кард. Аз с. 1370 Б. ба ҳайати империяи Темур дохил шуд. С. 1506 шаҳрро қабилаҳои бодиянишини ӯзбек бо сардории Шайбонихон забт намудаанд. Б. аз ибтидои а. 16 пойтахти *Хонии Бухоро* ва аз с. 1753 то 1920 пойтахти *Аморати Бухоро* буд. Б. дар тӯли асрҳо майдони муҳорибаҳои шадид ва хунин гардида, борҳо вайрону хароб ва аз нав барқарор карда шудааст. Қисми зиёди аҳолии шаҳрро косибону ҳунармандон ташкил мекарданд. Бинобар ин дар давраҳои муайяни таърихӣ дар Б. бо роҳбарии *Муқанна*ъ, *Малик Санҷар*, *Маҳмуди Тороб*ӣ ва диг. борҳо шӯришҳои зиддифеодалӣ ва зидди аҷнабиён ба амал омадаанд.

Бухоро. Манзараи шаҳр.

Б. дар роҳи калони тиҷоратӣ, ки аз Осиёи Шарқӣ ба мамлакатҳои Баҳри Миёназамин, Ҳиндустон ва аз Осиёи Марказӣ ба соҳили Волга мегузашт, воқеъ буда, аз қадим дар Осиёи Миёна калонтарин маркази маданияту ҳунармандӣ ва савдо ба ҳисоб мерафт. Дар асрҳои миёна дар Б. бофандагӣ ва шоҳибофӣ, зардӯзӣ ва заргарӣ, мисгарӣ ва ғ. ривоҷ дошт. Маҳсулоти ҳунармандӣ ба мамлакатҳои Осиё ва Европа бароварда мешуд. Аз Европаи Шарқӣ ба Б. чарм, мӯйна, асал, мум ва ғ. меоварданд. Ҳанӯз дар асрҳои миёна Б. шаҳри калони дорои арк (ниг. *Арки Бухоро*), *куҳандиз, шаҳристон* ва *работ* буд. Дар а-ҳои 16—17 алоқаҳои маданӣ ва тиҷоратии Б. бо давлатҳо ва шаҳрҳо васеъ шуд. Бо Россия, Хитой, Ҳиндустон ва диг. мамлакатҳо робитаҳои дипломатӣ дошт. Аз Б. ба давлатҳои ҳамсоя ҷомаҳои зарбофт, шоҳӣ, пӯсти қарокӯлӣ, маснуоти заргарӣ ва меваҳои хушк бароварда мешуд. Аз хорича (пеш аз ҳама аз Россия) мӯйна, чарм, мум, асал, зарфҳои чӯбӣ, шиша, моҳут ва ашьёи фулузӣ меоварданд. Дар ин давра ба Б. аз давлатҳои хоричӣ сафирҳои зиёд, аз ҷумла аз ҷониби князии Москва сайёҳи англис Антонӣ Ҷенкинсон (1558), сафирони рус Иван Хохлов (1620), Борис Пазухин (1669) ва диг. омадаанд. Аз Б. ба Москва Одамбӣ (1620), Қозӣ Нӯғай (1643), Мулло Фаррух (1671), Ҳоҷӣ Фаррух (1675) сафир шуда рафтаанд.

Робитаҳои дипломатӣ ва тиҷоратии Б. бо Россия махсусан нимаи дуюми а. 18 ва нимаи аввали а. 19 ривоҷ ёфт. Аз Россия ба Б. бо роҳбарии Флорио Беневини (1720), Негри (1820), К. Бутенев (1841) ва Н. Игнатов (1858) намояндагиҳои дипломатӣ омаданд. Аз Б. ба Россия Мир Алоуддин (1805), Мирзо Муҳаммад ва Муҳаммад Шариф (1816) сафир шуда рафтанд. Сафирони мазкур дар васеъ кардани алоқаҳои тиҷоратӣ ва дипломатии Б. бо Россия роли муҳим бозиданд. Баъди *ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна* дар ҳаёти иқтисодӣ ва мадании Б. тағьироти зиёд ба вуқӯъ пайваст: 2 беморхона, дорухона (1889—97), мактабҳои нави русӣ-маҳаллӣ кушода, р. о. Бухоро сохта шуд. Охири а. 19 ва ибтидои а. 20 дар Б. 12 маҳалла, бештар аз 360 гузар, зиёда аз 25 мадраса, 390 масҷид, қариб 150 корвонсарой, 350 ҳавз вуҷуд доштааст. Дар мадрасаҳои Б. бештар аз 30 ҳаз. кас таҳсил мекард. Аҳмади Дониш, Шамсуддин Шоҳин, Садриддин Айнӣ барин маърифатпарварони демократи тоҷик низ дар Б. таълим гирифтаанд. Дар тӯли асрҳо халқҳои тоҷику ӯзбек дӯш бар дӯш зиста, онро бо ҳам аз тохту тозҳо муҳофизат ва аз нав барқарор мекарданд.

2 сент. 1920 дар Б. революцияи халқӣ ғалаба кард ва аморати Бухоро сарнагун гардид. 14 сент. Комитети революционии умумибухорой, Шӯрои нозирон (комиссарон)-и халқӣ ташкил ёфта, 8 окт. 1920 Б. пойтахти *Республикаи Халқии Советии Бухоро* эълон карда шуд. С-ҳои 1924—25 Б. мувофиқи тақсимоти миллӣ ва давлатӣ маркази округи Зарафшон буд. Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ симои шаҳр ба куллӣ тағьир ёфт.

Ҳоҷагӣ. Дар шаҳр 20 корхонаи калони саноатӣ мавҷуд аст, ки муҳимтарини онҳо з-дҳои пӯсти қарокӯлӣ (калонтарин дар мамлакат), равған, пахта, вино, хишт, таъмири муҳаррик ва мошинҳои х. к., механикӣ, ф-каҳои пойафзол, бофандагӣ, трикотаж, шоҳибофӣ, пиллакашӣ, комбҳои орду нон ва гӯшт мебошанд. С. 1971 ба сохтмони комб-и матоъҳои пахтагӣ шурӯъ карданд. 92%-и корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ дар асоси ашьёи хоми маҳаллӣ кор мекунад. Б. аз қадим бо санъати ҳунармандии худ (зардӯзӣ, заргарӣ ва ғ.) машҳур аст.

Дар Б. ин-ти педагогӣ, фак-ти умумитехникии Ин-ти политехникии Тошкент, 9 мактаби миёнаи махсус, 21 мактаби таълими умумӣ мавҷуданд. Музеи таъриху кишваршиносӣ, ки с. 1927 таъсис ёфтааст, дорои экспозицияҳои оид ба таърих, маданият ва иқтисодиёти халқҳои Осиёи Миёна, инчунин экспонатҳои оид ба олами ҳайвонот, наботот ва боигариҳои минералии вилоят аст. Китобхонаи оммавии вилоятии ба номи Абӯалӣ ибни Сино маркази калони мадании Б. ба ҳисоб рафта, дар он дастнависҳои нодири олимон ва шоирони асрҳои миёна, аз ҷумла Фирдавсӣ, Ибни Сино, Навоӣ ва диг. маҳфузанд. Китобхона, клуб ва кинотеатрҳои сершумор, инчунин театри вилоятии мусиқию драмавӣ, 36 касалхона амал мекунанд.

Ёдгориҳои меъморӣ. Эҳтимол меравад, ки Арки Бухороро Сиёвуш сохтааст. Дар а. 7 арки дар ҳолати вайрона бударо ҳокими Б. Бидун барқарор кардааст. Дар паҳлӯи қалъаи ҳоким ва хешовандони ӯ шаҳристони бо девор иҳота кардашуда воқеъ будааст. Шаҳр аввал 4 ва баъдтар 7 дарвоза доштааст. Дар а. 8 шаҳристон васеъ шуда, атрофаш бо девори дорои 11 дарвоза иҳота будааст (ниг. *Дарвозаҳои Бухоро*). С. 943 Насри II Сомонӣ дар Регистон Дор-ул-мулк ва 10 девонхона бино кард. А-ҳои 9—10 *Мақбараи Исмоили Сомонӣ* сохта шуд. А-ҳои 11—иб-

Бухоро. Манори Калон.

тидои а. 13 Масҷиди Ҷомеъ (1121), *Манори Калон* (1127) масҷидҳои Маҳоки Аттор, Намозгоҳ, инчунин *Мақбараи Чашмаи Айюб* бино ёфтанд. Дар а. 14 *Мақбараи Баёнқулихон* буньёд шуд. Ибтидои а. 15 Мадрасаи Масъудия ва *Мадрасаи Улуғбек* сохта шуданд. А-ҳои 16—18 дар Б. давраи нашъунамои меъморӣ буд. *Мадрасаи Мири Араб* (1530—36), масҷидҳои Баланд ва Хоҷа Зайнуддин дар худ санъати баланди меъмориро таҷассум кардаанд. Мадрасаҳои Мадалихон ва Абдуллоҳхон, *Мадрасаи Кӯкалтош*, мадрасаҳои Гавкушон, Фатҳулло Қӯшбегӣ ва Марокан, мадраса ва ансамбльҳои Хоҷа Порсо қад кашиданд. Ёдгориҳои меъмории қадим таъмир карда шуданд. Дар деҳоти атрофи Б. ансамбли Чор Бакр (1561—63, деҳаи Сумитан), хонақоҳ ва дахмаҳо (а. 16, деҳаи Баҳоуддин) барпо гардиданд, ҳавз, корвонсарой ва пулҳо сохта шуданд. Дар нимаи аввали а. 17 мадраса ва хонақоҳи Нодири Девонбегӣ (дар паҳлӯи Мадрасаи Кӯкалтош), Масҷиди Ҷомеъ (1637), *Мадрасаи Абдулазизхон* (1652), дар нимаи дуюми а. 17 дар қисми ҷан. ғарбии Б. Хиёбон (1654—55) ва Мадрасаи Ҷӯйбори Калон (1670—71) барпо гардиданд. Регистон таъмир карда шуд. Дар наздикии девори арк, дар паҳлӯи Масҷиди Пояндабӣ Оталиқ (1617) с. 1682 бинои «Дор-уш-шифо» (шифохона), дар ғарби майдон мадрасаи Шодимбӣ ва дар шимоли он Масҷиди Бозори Гӯсфанд (1670—71) барпо гардиданд. Ёдгориҳои меъморие, ки а-ҳои 18—19 ба вуҷуд омадаанд: Масҷиди Болои Ҳавз (1712, айвонаш с. 1914 сохта шуд), комплекси халифа Худойдод (масҷид, мадраса, сардоба ва мазор, 1777—1855), Мадрасаи Раҳмонқулихон (1794—95), Мадрасаи Эрназари элчӣ (1794—95), Мадрасаи Турсунҷон (1796—97), Мадрасаи Халифа Ниёзқул (1807, Чор манор) ва ғ. Охири а. 19 — ибтидои а. 20 дар атрофи шаҳр чорбоғҳои Ситораи Моҳи Хоса ва ғ. бо саройҳояшон сохта шудаанд. Дар буньёди ёдгориҳои меъмории Б. дар тӯли асрҳо тоҷикон, ӯзбекҳо ва диг. халқҳои сокини ин маҳал иштироки фаъолона доштанд. Аз ин рӯ, ёдгориҳои мазкур мероси маданӣ ва ифтихори ҳамаи ин халқҳо ба ҳисоб меравад. Ҳоло Б. ба тамошогоҳи сайёҳони СССР ва хориҷӣ табдил ёфтааст. Бисьёре аз ёдгориҳои меъморӣ ба зери назорат ва муҳофизати давлат гирифта шуда, ҷойҳои хароби онҳо таъмир карда мешавад.

Ад.: Шишкин В. А., Архитектурные памятники Бухары, Ташкент, 1936; Засыпкин Б. Н., Архитектура Средней Азии, М., 1948; Ашуров Я. С. ва диг., Бухоро, Тошкент, 1963; Сухарева О. А., Бухара XIX — начало XX вв., М., 1966; Искандаров Б. И., Бухоро (1918—20), Д., 1970; История Бухары (с древнейших времён до наших дней), Ташкент, 1976.

В. Искандаров.

БУХОРО́ (с-ҳои 1924—38 окр. Зарафшон), вилоят дар ҳайати РСС Ӯзб. 15. 1. 1938 ташкил шудааст. Дар қисми марказии республика ҷой гирифтааст. Масоҳ. 143,2 ҳаз. км². Аҳол. 1178 ҳаз. наф. (1977), ӯзбекҳо, тоҷикон, русҳо, қазоқҳо, тоторҳо, туркманҳо, яҳудиён ва диг. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 8,2 наф. Дар вил. 13 район, 6 шаҳр, 11 пгш ҳаст. Ш-ҳояш: Когон, Навоӣ, Зарафшон, Ғиждувон, Газлӣ ва Бухоро (маркази вилоят).

Сатҳи терр. вилоят асосан ҳамвор, баъзан пасту баланд ва каме ба Шим. Ғ. моил аст. Қисми зиёди онро биёбони Қизилқум ва баландиҳои алоҳидаи к-ҳои Томдитов (баландиаш то 922 м), Буқонтов (то 764 м), Қулчуқтов (баландиаш то 785 м) ва ғ. ишғол кардаанд. Қисми ҷанубиаш — водии фарохи д. Зарафшон. Сарватҳои зеризамини: газ, нефть, графит, гилҳои бентонитӣ, гач. Дар ноҳияи газу нефтдори Бухоро — Хева 71,6% захираи гази табиии РСС Ӯзб. тадқиқ шудааст. Конҳои калон: Газлӣ, Учқир, Ӯртабулоқ, Ҷарқоқ, Қаровулбозор, Саритош. Захираи умумии газ 855 млрд м³. Иқлимаш ниҳоят континентӣ. Тобистонаш гарм, зимистонаш хунук. Ҳарор. миёнаи янв. аз —8°С дар Шим. то —2° С дар Ҷ., ҳарор. миёнаи июль 30—37° С. Боришоти солона 50—150 мм. Дарьёи асосӣ Зарафшон, дар поёнобаш кӯлҳои шӯр мавҷуданд. Дар Ғ., қад-қади сарҳади РСС Туркм., д. Аму ҷорист, аки оби он низ мисли Зарафшон барои обьёрӣ истифода мешавад. Бо мақсади азхуд ва обшор гардонидани заминҳои нав, аз об таъмин намудани шаҳру маҳалҳо обанбори Кӯимазор, кан-ҳои Аму—Бухоро, Аму—Қарокӯл ва гидроузели Шофиркон, Кармина буньёд ёфтаанд. Хоки ноҳияҳои обьёришаванда марғзорӣ, аллювиалӣ, марғзории ботлоқист; дар биёбонҳои чарогоҳӣ — хокистарранги регу гачдор. Дар биёбон буттаҳои саксавул, қиёқи регзор, ҷорӯбак, растаниҳои эфемерӣ (хоклес) ва гешаиҳо меруянд. Аз ҳайвонот оҳу, сайгак, гуроз, гург, рӯбоҳ, заргӯш; хояндаҳо (юрмон, росу, муши регзор); хазандаҳо (калтакалос, мор, сангпушт) ва аз паррандаҳо ҷӯр, гунҷишк ва ғ. вомехӯранд.

ВИЛОЯТИ БУХОРО
100 0 100 км
Чилли
Ҷаҳри Арад
Ҷ. Ҷомонов
190
335
Минбулоқ 768
Учқудук
Ҷ. Ҷомонов
Ҷ. Ҷомонов
Ҷ. Ҷомонов

заҳои дигар пайдо шудан гирифт» (С. Айнӣ) ва ин боиси тарси ҳам ҳукумати Бухоро ва ҳам ваколатхонаи Россия гардид.

Газетаи «Б. ш.» 153 шумора нашр гардида, бо фармони ҳукумати Бухоро баста шуд.

БУХОРХУДОТ, унвони ҳокимони давлати феодалии Бухоро дар а-ҳои 7—8. Мувофиқи маълумоти «Таъриҳи Бухоро»-и Наршахӣ с-ҳои 80-и а. 7 ва миёнаи а. 8 Бидун, Туғшода, Биниёт ва Сукон ном ҳокимон дар Бухоро Б. буданд. Баъди Бухороро забт намудани арабҳо анъанаи унвони Б. гирифтани ҳокимон барҳам хӯрд.

БУХОРШАВӢ, 1) аз ҳолати моеъ ё сахт ба ҳолати газмонанд — буғ (бухор) гузаштани моддаҳо, 2) процесси физиологии ба атмосферaи гирду атроф оббухоркунии растанӣ, ки транспирация ҳам меноманд. Узви асосии оббухоркунӣ *барг* аст. Б. масомавӣ ва кутикулавӣ мешавад. Б.-и масомавӣ ба воситаи сӯрохии микроскопии эпидермиси барг — масома ва Б.-и кутикулавӣ ба воситаи сатҳи кутикула (қабати мумшакл дар эпидермис) ба вуқӯъ меояд. Аҳамияти биологии Б.: муҳофизати танаи растанӣ аз гармшавӣ дар соатҳои гарми рӯз; таъмин намудани гизои минералии растанӣ, ки дар натиҷаи аз системаи реша ба баргҳо муттасил ҷорӣ шудани об ба амал меояд. Миқдори Б. ба сохти анатомӣ, хусусиятҳои биологии намуд ва навъҳои растаниҳо ва инчунин ба шароити муҳити атроф (рӯшної, ҳарорати ҳаво, шамол, намнокии хок ва ғ.) вобаста мебошад.

БУХТӢ, шутури бохтарӣ (Camelus bactrianus), шутури дукӯҳона. Ба шароити сахти биёбон нағз мутобиқ шудааст. Бухтипарварӣ дар замони бохтариҳо (ниг. *Бохтар*) хеле инкишоф ёфта буд. Б. шир, пашм,

гӯшт медиҳад ва барои боркашонӣ истифода мешавад. Б.-и нар 10—12 кг, модааш 5—6 кг пашм ва дар 1 шабонарӯз 4—6 кг шир (равганнокиаш 5—6%) медиҳад. Б. зотҳои аштархонӣ ва мугулӣ дорад, ки барои бехтар кардани зоти шутурҳои Қазоқистон ба кор мебаранд. Оид ба Б.-и ваҳшӣ аввалин бор Н. М. Пржевальский (1878) маълумот додааст. Ниг. низ *Шутур*.

БУЭНОС-АЙРЕС (Buenos Aires), пойтахти Аргентина. Маркази иқтисодию сиёсӣ ва мадании мамлакат. Дар соҳили рости хал. Ла-Плата, 275 км дуртар аз уқьёнус воқеъ аст. Масоҳати Б.-и Калон 3646 км². Аҳол. 8925 ҳаз. наф. (1974). Б. узели р. о., яке аз калонтарин бандарҳои баҳрии Америкаи Ҷанубӣ (муомилоти бор 20 млн т) мебошад. 85% импорт ва 40% экспорти Аргентина аз Б. мегузарад.

Буэнос-Айрес. Биноои Конгресси миллӣ.

Гӯшт, пашм, ғалла экспорт карда мешавад. Соҳаҳои асосии саноати Б.: мошинсозӣ (пеш аз ҳама электротехника), истеҳсоли маҳсулоти нефть, химия, хӯрокворӣ, бофандагӣ. Б. ун-ти технологӣ, консерватория, 11 академияи соҳавӣ ва бисьёр диг. ин-тҳои илмию тадқиқотӣ, музейҳо, банкҳо, театрҳо дорад. Дар шаҳр осори меъмории а-ҳои 18—19 боқӣ мондааст: ибодатхонаҳои Сан-Игнасио (1710—34), Эль Пилар (1716—32), театри «Колон» (1909) ва ғ. Аз Б. 40 км дуртар аэропорти байналхалқӣ воқеъ аст.

Б.-ро с-ҳои 1535—36 испанҳо буньёд кардаанд. С. 1541 ҳангоми муҳорибаи зидди ҳиндуҳои сурхпӯст шаҳр аз сӯхтор хеле зарар дид. С. 1580 Б. аз пав сохта шуд. Аз с. 1776 пойтахти ноиб-подшоҳии Ла-Плата, с-ҳои 1816—26 — пойтахти Музофоти муттаҳидаи Ла-Плата, аз с. 1880 — пойтахти Республикаи Аргентина.

БУҒ, бухор, ҳолати газмонанди моеъ ё моддаи сахт ҳангоми аз қимати бӯҳронӣ камтар будани фишор ва ҳарорат (ниг. *Ҳолати бӯҳронӣ*), яъне дар шароите, ки Б.-ро бо роҳи тазъиқ ба ҳолати моеъ ё сахти ҳамин модда ба мувозинат овардан мумкин аст. Мафҳуми «Б.» аз мафҳуми «газ» кам фарқ мекунад, аз ин рӯ, ин тақсимот шартӣ мебошад. Баъзан ҳолати газмонанди моддаро новобаста ба қимати фишор ва ҳарорати он «Б.» (мас. буғи об) ё газ (мас., гази карбон) меноманд. Агар Б.-и модда бо фазаи моеъ ё сахти ҳамин модда дар мувозинат бошад, он Б.-и сер номида мешавад ва хосиятҳои он (зичӣ, гармигунчоиши хос ва ғ.) фақат бо ҳарорат муайян карда мешаванд. Агар фишори Б. дар ҳарорати додашуда аз фишори Б.-и сер кам ё ҳарорати он дар фишори додашуда аз ҳарорати Б.-и сер баланд бошад, онро Б.-и фавқулодда гарм меноманд. Дар фишорҳои ба қадри кофӣ паст ва ҳарорати ба қадри кофӣ баланд хосиятҳои Б. ба хосиятҳои *гази идеалӣ* қаробат пайдо мекунанд. Буғи об — ҳолати газмонанди об, аз фазаи моеъ ба фазаи газмонанд гузаштани об дар *деги буғ*. Буғи обро, ки бо моеъ дар мувозинати термодинамикист, буғи сери хушк ва омехтаи онро бо чакраҳои об буғи сери нам меноманд. Фишори буғи сер бо баланд шудани ҳарорат меафзояд. Ҳангоми аз фишори фазаи буғ зиёд (ё ба он баробар) будани фишори буғи сери фазаи моеъ *ҷӯшиш* ба амал меояд. Буғи об дар турбина ва мошинҳои буғ василаи асосии манбаи энергия мебошад. Буғи обро инчунин дар гармкунӣ, вентиляция ва ғ. истифода мебаранд.

БУҒМА, тасбеҳак (Leontice ewersmannii), гиёҳи лӯндабехи бисьёрсолаест аз *зиркиҳо*. 20—60 см баланд мешавад. Баргҳо бехупоягӣ 1—2-то), поягӣ (3—5-то), гултӯдаи хӯшанамо, гули зард, гӯзаи пуфакшакли 1—2-тухмаи мудаввар дорад. Мартапр. гул ва апр.-июнь мева мекунад. Одатан дар нишебии кӯҳҳо, буттаю бешазори гармсер, пистаю фаркзор барин ҷойҳо дар баландии 400—1900 м аз с. б. нумӯ меёбад. Б. дар Осиёи Хурд, Эрон, Афғонистон ва СССР (ғарби Помиру Олой, Тиёншони Ғарбӣ, кӯҳсори Туркманистон, Алатови

Ҷунгар) паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. дар қ-ӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, к. Мугул (Меваҳул) ва мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ меруяд.

Бехи Б.-ро дар тибби халкӣ давои илтиҳобу ҷароҳати меъдаву рӯда, сил, буғма, заъфу заифии тан ва ғ. меҳисобанд. Б. 0,14—1,7% алкалоид (леонтин, леонтамин, леонтадин ва ғ.), инчунин оҳар дорад. Сапонини Б. чун ашъёи пенобетонтайёркунӣ тавсия шудааст. Ҳамчун гули ороишӣ низ ҷолиби диққат аст.

Ад.: Юнусов С. Ю., Алкалоиды, Ташкент, 1974; Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975. *М. Хоҷиматов.*

БУҚРОТ (بقراط муарраби Hippocrates) Бақрот, Гиппократ, (460, ҷаз. Кос — 377 то м. Фессалия), ҳаким ва мутафаккири Юнон. Яке аз асосгузорони тибби антиқӣ, пайрави фалсафаи материалистии Демокрит, асосгузори усули ташхиси клиникӣ дар тиб. Б. тибро аз падараш (Гераклит) ва дар мактаби тиббии ҷаз. Кос омӯхтааст. Б. баъди фавти падару модараш ба ш. Афина кӯчид. Аз Геродик таълим гирифтааст. Ба Арабистон, Осиёи Хурд ва ба соҳили Баҳри Сиёҳ рафта, ба омӯхтани ҳаёт, иклим, илму маданият ва тибби ин кишварҳо шурӯъ мекунад. Ин ба Б. имконият медиҳад, ки ба илми тиб материалистона назар карда, назарияи идеалистии тиббии Юнони Қадимро, ки бемориро ҷазои худованд шуморида, беморонро дар ибодатхонаҳои махсус бо дуохонӣ, рӯзадорӣ, қурбоникунӣ, пашъакашӣ табобат кардани мешуд, фош намояд. Б. сабаби бемориро аз фасли сол, хосияти обу замин, тарзи зиндагӣ, нуқси модарзодӣ, синну сол, ирқ, таом, муҳити кор ва ғ. медонист. Б. аъзои бадани одамро қиёсан бо аъзои ҳайвонот омӯхтааст. Мувофиқи маълумоти Б. ҳаёт ба 4 моеи ботин (хун, луоб, зардаи зард, зардаи сиёҳ) ва ба омили табиии бадан (гарми, сардӣ, хушкӣ, намӣ) вобаста аст. Б. мизочи шахсро аз афзалияти ин ё он моеи ботин медонист. Дар осори Б. дар бораи бемориҳои дарун, занона, бачагона, рӯҳӣ, ҳанозир, буғумдард, шикастабандӣ ва ҷарроҳӣ маълумоти муфид дида мешавад. Б. ҳангоми табобат аввал парҳезу режими махсус, риояи гигиенаи шахсиро ба назар гирифта, сипас ба майлу рағбат ва муҳите, ки беморро фаро мегирад, аҳамият медод. «Одоби духтур» ва «Қасамноми духтур» барин асарҳои Б. то ҳол моҳияташонро гум накардаанд. То замони мо тақрибан 70 асари духтурони Юнони Қадим бо номи «Маҷмӯаи Буқрот» маълум аст. Ин маҷмӯа с. 1525 ба лотинӣ, 1526 дар Венеция ба юнонӣ ва 1936—44 ба русӣ дар 3 ҷилд чоп шудааст. Асарҳои Б. дар Осиёи Миёна ва Эрон дар давраи Сосониён ба форсӣ ва баъди забти арабҳо ба арабӣ дастрас шуда буданд. Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, Ибни Сино ва диг. баъзе камбудиҳои (мас. нағзакро аз сурхак, асабро аз рагу пай фарқ карда натавонистан ва ғ.) асарҳои Б.-ро танқид намуда, ояд ба он масъалаҳо дастурламал ва асарҳои дақиқ навиштанд. Ба ин нигоҳ накарда, осор ва назарияҳои тиббии Б. дар равнақи тибби ҷаҳонӣ роли калон бозидааст ва аз ин рӯ, номаш чун падари ҳакимон ба забон гирифта мешавад. *Ю. Н. Нуралиев.*

БУҚҚА, наргови наслафзо. Б. нисбат бо модагов баланду калонҷусса, сари калон, гардани ғафси кӯтоҳу сермушак, синаи паҳн дорад. Вазни зиндааш 750—1100 кг, дар 6—8-моҳагӣ болиғ мешавад. Аз 14—18-моҳагӣ ба ҷуфтикунонӣ истифода мебарад. Мӯҳлати истифодаи Б. дар хоҷагиҳо асосан 6—8 сол. Б.-ро тобистон дар чарогоҳ ва зимистон дар оғил ё молхонаҳои махсус нигоҳ медоранд. Меъёри хӯроки Б. (ҳангоми 100 кг будани вазн): хошок 1—1,5 кг, бехмева 1—1,5 кг, силос 0,8—1 кг; омехтаи концентратҳо 2—5 кг (дар як шабонарӯз ба ҳар сар).

Ад.: Рекомендации по кормлению и содержанию племенных производителей, М., 1966; Технология производства мяса, Алма-Ата, 1975.

БУҲТУРӢ البحترى Абӯубода ал-Валид ибни Убайд ибни Яҳьё (321, деҳаи Манбиҷи музофоти Ҳалаб — 897, Ҳалаб), шоири араб. Аз осори Б. девони «Салосил-уз-заҳаб» («Занҷирҳои тилло») ва тазкираи «ал-Ҳамоса» то замони мо расидааст. Ба лирикаи шоир, ки самимона иншо шудааст, тасвири хоббинӣ низ дохил мешавад. Мадҳияҳои Б. бо мақсади аз эҳтиёҷоти моддӣ раҳоӣ ёфтан таълиф шудаанд. Марсияи машҳури ба марги халифа Мутаваккил навиштаи вай аз сӯзу гудоз ва эҳсоси баланд лабрез аст. Дар жанри итоб низ шеърҳо эҷод кардааст. Дар ин гуна шеърҳо бо суханони лутфомез таҳдиди боназокатро моҳирона ба қалам дода, ба мамдӯҳонаш, ки ба додани ҳадья шитоб накардаанд ё чизе надодаанд, чашмдошти худро ишора менамояд. Дар «ал-Ҳамоса» намунаи ашъори қариб 600 шоирро дар 174 боб гирд овардааст. Ин асар дар адабиёти илмии Европа шӯҳрат дорад.

БУҶУЛБОЗӢ, 1) навъи бозии бачагона, ки аз бозингар чолокӣ ва нишонзаниро талаб мекард. Бозӣ бо буҷули гӯсфанд ё буз сурат мегирад. Баъди ба замин партофта шудани буҷул, вобаста ба тарзи истодани он, ки асп, хар, пукка, чикка меноманд, яке аз бозингарон ҳуқуқи задани аввалинро ба даст меовард. Шахси бохта ё буҷули худро ба ғолиб медод ё ӯро ба тахтапушташ савор карда, масофаи муайянеро тай менамуд. Дар баъзе районҳои Тоҷикистон инчунин намуди дигари Б. маълум аст ва вобаста ба исти буҷул ин тавр ном дорад: подшоҳ, вазир, қозӣ ва дузд. Буҷули ҳар бозингаре, ки чикка меистад, ӯро «дузд» меҷуфтанду «қозӣ» бо амри «подшоҳ» ба вай ҷазое медод; яъне «дузд» яке аз бозингаронро пуштора карда, чанд қадам бурда мемонд. 2) Як тарзи қимор пеш аз революция. *Н. Турсунов.*

БЫДГОЩ (Bydgoszcz), шаҳр дар шим. Польша, бандар дар соҳили д. Брда (шохоби Висла). Маркази маъмурии воеводаи Быдгощ. Аҳол. 280,8 ҳаз. наф. (1970). Маркази калони саноатӣ. Соҳаҳои саноаташ: мошинсозӣ (электротехника, дастгоҳсозӣ, механикаи дақиқ, таҷҳизот барои саноати химия ва цемент), коркарди металл, химия, хӯрокворӣ, чарм ва чӯбгарӣ. Шаҳр с. 1346 буньёд ёфтааст.

БЫКОВСКИЙ Валерий Фёдорович (тав. 2. 8. 1934, вил. Москва), Лётчик-Кайҳоннаварди СССР, полковник, 2 карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1963, 1976). Аъзои КПСС аз с. 1963. Аввал мактаби назди аэроклуби Москва, сонӣ Омӯзишгоҳи ҳарбии авиационии лётчикҳоро хатм (1955, Качинск) намуда, ба сифати лётчики ҳарбӣ хизмат кардааст. С. 1968 Академияи ҳарбии ҳавоии инженерии ба номи Н. Е. Жуковскийро хатм кард. 14—19 июни 1963 дар киштии кайҳонии *«Восток-5»* дар зарфи 119 соат атрофи заминро 81 маротиба давр зада, масофаи бештар аз 3,3 млн км-ро тай намуд. 15 сент. 1976 дар киштии кайҳонии *«Союз-22»* якҷоя бо *В. В. Аксёнов* бори дуюм ба кайҳон парвоз кард. Пас аз иҷрои программаи парвоз «Союз-22» 23 сент. ба Замин баргашт. Бо 2 ордени Ленин, ордени Ситораи Сурх, медальҳо ва орденҳои давлатҳои хорича мукофотонида шудааст.

БЫХОВСКИЙ Борис Евсеевич (тав. 27. 8. 1908, Петербург), паразитологи советӣ, акад. АФ СССР (1964; аъзокорр., 1960). Аъзои КПСС аз с. 1941. Ун-ти давлатии Ленинградро хатм

кардааст (1930). С-ҳои 1929—35 дар Ин-ти хоҷагии моҳипарварии Ленинград, 1935—40 ва аз 1942 дар Ин-ти зоологияи АФ СССР (аз 1962 директор) кор кардааст. С-ҳои 1940—44 ҷонишини раиси Президиуми филиали Тоҷикистонии АФ СССР ва аз с. 1963 акад.— котиби Шӯъбаи биологияи умумии АФ СССР. Оид ба проблемаҳои умумии паразитология ва омӯзиши кирмҳои макандаи моногенетикӣ ва диг. гурӯҳи паҳнкирмҳо асарҳо навиштааст. Бо ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Моногенетические сосальщики, их система и филогения, М.-Л., 1957.

БЭКОН (Bacon) Роҷер (тақр. 1214, Илчестер—тақр. 1292, Оксфорд), файласуф ва табиатшиноси англис. Мунодии илми таҷрибавии замони нав. Ахлоқ, идеология ва сиёсати феодалиро фош мекард. Б. барои ақидаҳояш с. 1277 аз дарс гуфтан дар Ун-ти Оксфорд маҳрум ва бо фармони сарвароии калисо ба ҳабсхонаи дайр партофта шуд. 14 сол дар ҳабсхона хобид. Б. материалисти бесубот буд (пайрави *номинализм*). Ӯ таълимоти атомистиро дар бораи тақсимнопазирии атомҳо ва халоҳ рад мекард. Схоластҳоро танқид карда, таҷрибаро асоси маърифат меҳисобид. Б. аҳамияти бузурги математикаро таъкид ва як қатор кашфиётҳоро пешгӯй кард (телефон, аробаҳои худгард, аппаратҳои парриш ва ғ.). Мувофиқи ақидаи Б. мақсади илм афзудани қувваи инсон бар табиат аст.

БЭКОН (Bacon) Фрэнсис (22. 1. 1561, Лондон — 9. 4. 1626, ҳамон ҷо), асосгузори материализми англис ва илми таҷрибавӣ. Б. тамоми умри худро ба иҷрои нақшаи «Эҳьёи азими илмҳо» бахшидааст. Мувофиқи ақидаи Б. илм бояд қудрати инсонро бар табиат афзун, бори машаққати вайро сабук ва зиндагии одамонро беҳтар кунад. Б. аз ҳамин нуқтаи назар схоластика ва методи дедуктивиро танқид карда, ба онҳо илми таҷрибавӣ ва методи индуктивиро муқобил мегузорад. Чунон ки К. Маркс гуфтааст, барои Б. «илм-илми таҷрибавӣ буда, аз татбиқи методи рационалистӣ ба маълумоти ҳиссӣ иборат аст» (Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., т. 2, стр. 142). Таълимоти Б. ба инкишофи минбаъдаи илму фалсафа таъсири бузург расонд, ба ташаккули материализми Т. *Гоббс*, сенсуализми Ҷ. *Локк* ва пайравони ӯ кӯмак кард. Маорифпарварон-энциклопедистони франсавӣ таснифоти илмҳоро, ки Б. пешниҳод карда буд, қабул намуданд. Асарҳои асосии ӯ «Дар бораи принципҳо», «Арғунуни нав» ва «Атлантидаи нав» мебошанд.

Ас.: Соч., т. 1—2, М., 1971—72.

БЭНЬСИ, Бэньсиху, шаҳр дар шим. шарқии Хитой, дар музофоти Ляонин. Аҳол. 530 ҳаз. наф. (1957). Маркази металлургияи сиёҳ ва рангаи мамлакат (аввалин з-ди металлургӣ с. 1915 сохта шудааст). Конҳои ангиштсанг ва маъдани оҳан дорад. Дар Б. чӯян, пӯлод, цемент, кокс истеҳсол мекунанд. ТЭЦ ва ин-ти кӯҳкорӣ дорад.

БЭСМ, ҳисобмошини электронии тезкор, номи силсилаи ҳисобмошинҳои рақамӣ, ки дар Ин-ти механикаи дақиқ ва техникаи ҳисоби АФ СССР сохта шудаанд. БЭСМ яке аз аввалин ҳисобмошинҳои универсалии ҳозиразамон мебошад, ки дар асоси лампаҳои электронӣ сохта шуда, барои ҳал кардани масъалаҳои илмию инженерӣ таъин гардида аст (1953 ба кор сар кард). Дертар қисмҳои муҳимми БЭСМ такмил ёфтанд. Тамғаи нави он чун БЭСМ — 1 маъмул гашт, ки бо ёрии он масъалаҳои гуногуни илмию амалӣ ҳал гардид, аз ҷумла мадори ҳаракати 700 сайёраи хурди Системаи Офтоб ҳисоб карда шуд. С. 1958 истеҳсоли саноатии БЭСМ — 2 оғоз ёфт. Баъд аз ин ҳисобмошинҳои нимноқилии БЭСМ — 3М ва БЭСМ — 4 сохта шуданд, ки барои ҳалли масъалаҳои баплангирию иқтисодӣ имконияти калон доранд. Барои ҳалли масъалаҳои мураккаб ҳисобмошини нимноқилии БЭСМ — 6 буньёд гардид, ки ҳар сония як млн амалро иҷро мекунад. Олати ҳофизаи ин мошин дорои ҳаҷми калон буда, хеле тезкор аст. БЭСМ — 6 аз транзистор ва диодҳо сохта шудааст ва дар як вақт чанд масъалаи дараҷаи душвориашон гуногунро ҳал карда метавонад. БЭСМ — 6 амалҳои ба ададҳои 50-рақама оидро иҷро мекунад. Ба ин «диспетчер»-и махсуси он имкон медиҳад. Баъди дохил кардани программа мошин автоматӣ кор мекунад ва натиҷаҳоро дар олати махсус чоп карда мебарорад. БЭСМ-ҳо дар ҳалли масъалаҳои мураккаби илму техника васеъ истифода мешаванд.

Ад.: Лебедев С. А., Мельников В. А., Общее описание БЭСМ и методика выполнения операций. М., 1959; БЭСМ-6, основные технические данные, М., 1964.

БЮЛЛЕТЕ́НЬ (франс. bulleten — ахбор), 1) ахбори мухтасари расмӣ дар бораи ягон воқеаи муҳим, мас., дар бораи вазъи саломатии ашхоси барҷастаи давлатӣ ва ғ.; 2) нашрияи даврӣ ё муттасили ахбор; 3) варақаи интихоботӣ; 4) варақаи беморӣ; 5) ҳуҷҷати расмӣ; 6) номи маҷмӯаи махсус (мас., Бюллетени Суди Олии СССР).

БЮРО́И ИНТЕРНАЦИОНАЛИ КОММУНИСТӢ ОИД БА ТУРКИСТО́Н, органи ваколатдори Интернационали Коммунистӣ дар Осиёи Миёна. Б. аз тарафи Комитети иҷроияи Интернационали Коммунистӣ бо таклифи Бюрои Сиёсии РКП(б) барои ҷамъбаст кардани фаъолияти партияҳои коммунистии Бухоро ва Хоразм нояб. 1920 ташкил шуда буд. Б. (раисаш Я. Э. *Рудзутак*) то авг. 1921 вуҷуд дошт. *А. В. Макашов.*

БЮРО́И ИҶРОИЯИ КОМИТЕ́ТИ ВИЛОЯТИИ ПК(б) ЎЗБЕКИСТО́Н ДАР ТОҶИКИСТО́Н, органи партияви, ки 27 окт. 1927 дар Пленуми якуми Комитети партиявии вилоятии Тоҷикистон интихоб гардид. Ба ҳайати якуми Б. и. М. Хӯҷаев, А. Т. Шервонӣ (котибони масъул), А. М. Дьяков, С. Абдуллоев, К. Лутфуллоев, К. С. Поляев, А. Т. Федин, Я. Афзалӣ дохил шуданд. Б. и. ба кори ташкилоти партиявии Тоҷикистон дар байни пленумҳо роҳбарӣ мекард. Мувофиқи қарори Бюрои Сиёсии КМ ВКП(б) аз 25 нояб. 1929 «Дар бораи ба партияи коммунистии миллӣ табдил додани ташкилоти партиявии Тоҷикистон» Б. и. бекор карда шуд. *В. Рудницкий.*

Ҳисобмошини электронии тезкор (БЭСМ-6).

БЮРО́И ИҶРОИЯИ КОМИТЕ́ТИ МАРКАЗИИ ПК БУХОРО́, органи иҷроия, дар давраи байни пленумҳои КМ ба кори партия роҳбарӣ мекард. Б. и. бори аввал баъди Съезди 5 ПК Бухоро февр. 1921 дар пленуми КМ ПКБ интихоб шуда буд. Б. и. ба тайёр намудани масъалаҳои рӯзномаи пленум, даъват кардани он, интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо, назорат кардани иҷрои қарорҳои КМ ва съездҳои партия, такмил додани шакл ва усулҳои кори органҳои партияви машғул мешуд. *А. Макашов.*

БЮРОИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ ПК ТОҶИКИСТОН, органи роҳбарикунандаи партия, ки онро пленуми КМ барои роҳбарии кори партия дар давраи байни пленумҳои КМ интихоб мекунад. Ба ҳайати он ходимони барҷаста ва таҷрибанокі республика, роҳбарони органҳои партиявӣ ва давлатӣ дохил мешаванд. Дар Пленуми якуми КМ, ки баъди Съезди 18 ПК РСС Тоҷ. 29 янв. 1976 барпо гардид, Б. дар ҳайати 11 аъзо ва 3 номзад интихоб шуд. Б. бо масъалаҳои интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо, роҳбарӣ ба ташкилотҳои давлатӣ, иттифоқҳои касаба, ҷавонон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, тайёр намудани маҷлисҳои партиявӣ, назорат ба кори ҳисоботу ахборот дар партия, такмили шакл ва усулҳои корӣ органҳои партиявӣ машғул мешавад. Б. пленумҳои КМ-ро даъват ва тартиби рӯзи кори онҳоро муайян мекунад, масъалаҳоро барои муҳокима тайёр ва маъруҳзачиёнро тасдиқ менамояд. Б. дар бораи кори худ ба пленум мунтазам маълумот медиҳад. *А. Макашов.*

БЮРОИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ РКП(б) ОИД БА ТУРКИСТОН, органи намояндагии ваколатдори КМ РКП(б), ки баъди Съезди 9-уми РКП(б) 29 июли 1920 бо мақсади ба оммаи меҳнаткашон наздиктар кардани роҳбарияти партия, ба ташкилотҳои партиявии маҳаллӣ ёрии амалӣ расондан таъсис ёфта буд. Б. ба ташкилотҳои партиявии маҳалҳо роҳбарӣ, иҷрои қарорҳои съездҳои партия ва директиваҳои КМ-ро назорат менамуд, шаклу усулҳои кори партиявиро такмил медод. Б. дар сохтмони советӣ ва партиявӣ, барпо кардани хоҷагии социалистӣ дар Туркистон хизмати босазое кард. Б. февр. 1922 баъди ташкил ёфтани *Бюрои Осиёимиёнагии Комитети Марказии РКП(б)* барҳам хӯрд. *А. Макашов.*

БЮРОИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ РСДРП ОИД БА РОССИЯ, органи умумии партия, с-ҳои 1903—17 дар ҳайати аъзоёни КМ вуҷуд дошта, дар Россия ба кори амалии партия бевосита роҳбарӣ мекард. Ба ҳайати аввалин Г. М. Кржижановский, В. Л. Носков, В. Л. Гусаров, Р. С. Землячка, Л. Б. Красин ва М. М. Эссен дохил буданд. Б. барои мустаҳкам кардани ташкилотҳои маҳаллии партиявӣ корҳои бисьёреро анҷом дода, матбаа ва нашри адабиёти ғайрилегалиро ташкил кард, дар давраи Рев. 1905—07 қарорҳои съезду конференцияҳои партияро дар амал татбиқ намуд. Дар солҳои реакция (1907—10) аъзоёни большевики Б.-ро ба ҳабс гирифтанд ва меньшевикону ликвидаторҳо дар он аксариятро ташкил карданд. Бинобар ин фаъолияти Б. суст шуда, вай якчанд муддат кор накард. Баъди Конференцияи 6-уми прагагии РСДРП бюрои нав ташкил карда шуд, ки он таҳти назорати бевоситаи В. И. Ленин ба фаъолияти ташкилотҳои маҳаллии партия роҳбарӣ мекард. Б. дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ большевиконро дар атрофи шиорҳои ленинии мубориза бар зидди ҷанги империалистӣ муттаҳид намуд. Б. ба воқеаҳои революционӣ роҳбарӣ кард, ки онҳо бо сарнагун кардани ҳукумати подшоҳӣ ва ғалаби Рев. бурж.-дем. февраль анҷомиданд. Ба муносибати дар Конференцияи 7 апрелии РСДРП(б) интихоб шудани КМ-и нав Б. барҳам хӯрд.

БЮРОИ КОМИТЕТҲОИ АКСАРИЯТ, маркази партиявӣ, ки большевикон дар охири с. 1904 барои роҳбарии ташкилотҳои маҳаллӣ ва тайёр намудани Съезди 3 РСДРП барпо карда буданд. Зарурати ташкили ин марказро амалиёти ҷудоиандозии меньшевикон ба миён оварда буд, зеро онҳо органҳои роҳбарикунандаи партия (КМ, редакцияи «Искра», Совети партия)-ро ишғол карда буданд. Барои бартараф намудани ҷудоиандозӣ ва муайян кардани тактикаи партия дар давраи Рев. с. 1905—07 даъвати Съезди 3-юми партия (1905) лозим шуд, аммо меньшевикон ба ин зид баромаданд. Дар тайёр кардани съезд Маҷлиси машвараттии 22 большевик дар Женева (авг. 1904) роли калон бозид. Дар ин маҷлис мурочиатномаи «Ба партия» қабул шуд, ки дар он программаи мубориза барои съезд акс ёфта буд. Дар Россия барои тайёр намудани съезд маркази партиявии Б. таъсис ёфт, ки ба ҳайати он А. А. Богданов, С. И. Гусев, Р. С. Землячка, М. М. Литвинов, М. Н. Лядов, П. П. Румянцев, М. М. Эссен дохил гардиданд. Б. ва газетаи «Вперёд»-и большевикон бо роҳбарии В. И. Ленин бар зидди меньшевикон барои комитетҳои с.-д. муборизаро пурзӯр намуданд. 21 янв. 1905 Б. «Ахборот дар бораи даъвати Съезди III партиявӣ»-ро чоп кард. Марти 1905 аз 28 комитет 21-тоаш ба даъвати съезд розӣ шуд. Он гоҳ КМ меньшевикии РСДРП дар бораи даъвати съезд бо Б. гуфтушунид сар кард. Комитети ташкилӣ барпо гардид. Вале меньшевикон дар тайёр намудани Съезди 3 партия ва кори он иштирок накарданд. Б. дар ташкили Съезди 3-юми РСДРП роли калон бозид. *К. Н. Гаврилкин.*

БЮРОИ МАРКАЗИИ ТАШКИЛОТҲОИ КОММУНИСТИИ ХАЛҚҲОИ ШАРҚ (БМ ТКХШ) дар назди КМ РКП(б), органи ваколатдори партиявӣ, ки таҳти роҳбарии бевоситаи КМ РКП(б) кор мекард. Б. нояб. 1918 дар Съезди 1 умумироссиягии ТКХШ дар асоси Комитети Марказии (КМ) коммунистони (большевикони) мусулмон ташкил ёфта буд. Вай дар ибтидо *Бюрои марказии ташкилотҳои мусулмонии РКП(б)* ном дошт. Баъдтар Б. шаклан андаке тағьир ёфт ва аз марти 1919 ба БМ ТКХШ табдил дода шуд. Бюро ташкилотҳои коммунистии меҳнаткашони районҳои шарқии мамлакат — Туркистон, Тотористон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Чувашистон, Бошқирдистон, Кавказ, Хева, Бухоро, секцияҳои коммунистони мусулмони Оренбург, Пермь, Қрим ва ғ., инчунин гурӯҳҳои коммунистони муҳоҷири Шарқи хоричиро муттаҳид менамуд. Аъзоёни Б. дар съездҳои умумироссиягӣ ё конференцияҳои ТКХШ интихоб мешуданд. Вазифаи асосии Б. аз он иборат буд, ки ба ташкилотҳои маҳаллии партиявӣ дар кори эзоҳотӣ дар байни мусулмонон, ба роҳ мондани корҳои партиявию советӣ, тайёр кардан ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳои партиявӣ, советӣ ва ғ. ёрии ҳаматарафа расонад. Дар назди Б. шӯъбаҳои пропагандаи байналхалқӣ, ахборот, нашриёт, шӯъбаи ташкилӣ ва ғ. мавҷуд буданд. Б. ба Коллегияи марказии ҳарбии мусулмонӣ ва Комиссариати марказии мусулмонии назди Комиссариати халқии миллатҳо низ роҳбарӣ мекард. Янв. 1921 Б. ба Бюрои марказии агитация ва пропагандаи байни халқҳои туркзабони РСФСР табдил дода шуд, чунки дар ин вақт дар ҳамаи республикаҳои автономӣ ва вилоятҳо комитетҳои вилоятии партия ташкил гардиданд. Вале баъдтар маълум гардид, ки нигоҳ доштани чунин бюрои алоҳида зарурате надорад, зеро ҳамаи вазифаҳои онро дар маҳалҳо шӯъбаҳои ақаллиятҳои миллӣ, ки дар назди КМ партияҳои коммунистии миллӣ, комитетҳои партиявии вилоятӣ, губернияги ва уездӣ ташкил ёфта буданд, иҷро менамуданд. Бинобар ин охири маи соли 1921 Бюрои марказии агитация ва пропаганда барҳам дода шуд. Б. дар инкишофи пропагандаи коммунистӣ дар байни меҳнаткашони мусулмони мамлакат, тайёр кардани аввалин кадрҳои миллӣ ва дар атрофи РКП(б) муттаҳид намудани ташкилотҳои коммунистии халқҳои Шарқ роли калон бозид. *И. Келдиев.*

БЮРОИ МАРКАЗИИ ТАШКИЛОТҲОИ МУСУЛМОНИИ РКП(б), органи марказии роҳбарикунандаи коммунистони мусулмон.

Б. дар байни халқҳои мусулмони мамлакат корҳои тарғиботию тарбияви мебурд, ба забонҳои модарии онҳо газетаю адабиёти зарурӣ нашр менамуд. Дар назди Б. секцияҳо ва бюроҳои миллӣ ташкил шуда буд. Мувофиқи қарори конференцияи Партияи Коммунистии Туркистон (марти 1919) Бюрои мусулмонии кишвари Туркистон низ барпо шуд. Б. ва органҳои маҳаллии он дар пропагандаи идеяҳои коммунизм, идора кардани давлат ва ба сохтмони ҳаёти нав ҷалб намудани меҳнаткашон, дар тарбияи кадрҳои миллӣ ва амалӣ кардани сиёсати миллии партия роли муҳим бозид. Вале баъдтар Бюрои мусулмонии кишвари Туркистон дар фаъолияти худ ба як қатор хатоҳои ҷиддӣ,

аз ҷумла ба рафторҳои миллатчиёнаи роҳ дод, худро ташкилоти тамомаи мустақил доиста, аз итоат ба Комитети кишвари ПК Туркистон сар печид. Аз ин рӯ Бюрои мусулмонии кишвари Туркистон бо қарори конференцияи Партияи Коммунистии Туркистон янв. 1920 барҳам дода шуда, фақат дар назди баъзе комитетҳои партиявӣ секцияҳо ва бюроҳои миллӣ боқӣ монд, ки то аввалҳои с-ҳои 30-юм бо роҳбарии ташкилотҳои партиявӣ дар байни аҳаллиятҳои миллӣ кор мебурд.

Ад.: Ленин В. И., Полн. собр. соч., т. 19; История коммунистических организаций Средней Азии, Ташкент, 1967.
И. Келдиев.

БЮРОИ ОБУ ҲАВО, ташкилоте, ки дар бораи обу ҳаво ахборот медиҳад ва аҳолиро аз таҳдиди ҳодисаҳои пурхавф — бӯрону тӯфон, раъду жола, аёс ва ғ. огоҳ мекунад. Дар СССР ва баъзе мамлакатҳои диг. Б. о. ҳ. дар бораи режими дарьёву баҳр ва ҳолати кишти зироатҳои х. қ. низ маълумот тартиб медиҳад. Дар Россия аввалин Б. о. ҳ. с. 1872 таъсис ёфт. Дар Тоҷикистон Б. о. ҳ. аз с. 1933 амал мекунад. Ҳозир Б. о. ҳ.-и Тоҷикистон ахбороти беш аз 70 станцияҳои гидрометеорологиро истифода мебарад, ки дар шароити мухталифи табиию географии республика воқеъ гардидаанд. Воситаҳои замонавии алоқа барои дар сари вақт бо ахбори зарурӣ таъмин кардани Б. о. ҳ. имкон медиҳад.

БЮРОИ ОСИЁИМИЁНАГИИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ РКП(б), органи намояндагии ваколатдори КМ РКП(б) дар Осиёи Миёна, 19 мае 1922 дар Пленуми 1-уми Б. О ба расмият дароварда шуд. Б. О. дар кори беҳтар намудани вазъияти хоҷагии республикаҳои Осиёи Миёна, аз чиҳати иқтисодию сиёсӣ ба ҳам наздику мустаҳкам шудани онҳо ва ташаккулёбии миллатҳои социалистӣ роли муҳим бозид. Окт. 1934 Бюрои Сиёсии КМ ВКП(б) қарор дод, ки «...Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б), ки вазифаҳои мусбати худро дар Осиёи Миёна оид ба мустаҳкам кардани республикаҳо ва партияҳои коммунистии миллӣ иҷро намудааст, барҳам дода шавад...»

Ад.: История коммунистических организаций Средней Азии, Ташкент, 1967; Очерки истории КП Таджикистана, Д., 1968.
А. В. Макашов.

БЮРОИ ОСИЁМИЁНАГИИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ РКСМ, органи намояндагии ваколатдори КМ РКСМ дар Осиёи Миёна, 22 мае 1922 бо қарори КМ РКСМ ташкил ёфта буд. 30 мае 1922 Бюрои ташкилии КМ РКП(б) дар зери раёсати котиби КМ РКП(б) В. В. Куйбышев ҳайати Б.-ро тасдиқ карда, низомномаи онро тартиб дод, низомномаи Б. О.-ро КМ РКП(б) 1-уми июни 1922 тасдиқ намуд. Б. О. дар бобати мустаҳкам намудани ташкилотҳои комсомолии Осиёи Миёна ва баланд бардоштани фаъолияти онҳо дар сохтмони социализм роли калон бозид. Б. О. апр. 1934 бо қарори КМ ВЛКСМ бекор карда шуд.
Ю. Исломов.

БЮРОИ ПАРТИЯВӢ, бюрои ташкилоти ибтидоии партия, бюрои комитети партия, органи иҷроия, ки ба корҳои ҷории ташкилоти партиявӣ роҳбарӣ мекунад. Б. п.-и ташкилотҳои ибтидоии партия ва ташкилотҳои партиявии цеҳҳо дар муддати як сол интихоб шуда, шумораи онро маҷлиси партиявӣ муқаррар мекунад. Ташкилотҳои ибтидоию цеҳҳое, ки аз 15 наф. камтар аъзо доранд, бюро не, балки котиб ва ҷонишини ӯро интихоб мекунанд (ниг. §§ 23, 56 Устави КПСС). Бюроҳои комитетҳои партиявии районӣ, шаҳрӣ, округиро комитети дахлдор аз байни аъзоёне, ки онҳоро конференцияи партиявӣ (округӣ, шаҳрӣ, районӣ) ё ки маҷлиси умумии коммунистон (дар 2 сол як маротиба гузаронида мешавад) интихоб мекунанд, ташкил менамояд (ниг. Устави КПСС, §§ 23, 48, 49). Бюроҳои комитетҳои вилоятию кишвари КМ ПК республикаи иттифоқиро комитети дахлдор интихоб мекунад, ки онро конференцияи партиявӣ ё съезд (дар 2 сол як маротиба даъват карда мешавад) интихоб мекунад. Съездҳои партияҳои коммунистии республикаҳои иттифоқӣ, ки воҳиди маъмурии вилоятӣ доранд, дар 4 сол як маротиба гузаронида мешаванд.

БЮРОИ СИЁСИИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ КПСС, органи роҳбарикунандаи партия, ки КМ барои дар байни пленумҳои КМ ба кори партия роҳбарӣ намудан интихоб мекунад. Ба ҳайати он роҳбарони органҳои олии партия ва давлат, арбобони намоёнтарин ва пуртаҷрибатарини сиёсӣ дохил мешаванд. Б. с. бо сардории В. И. Ленин бори аввал 23 окт. 1917 дар маҷлиси КМ РСДРП(б) барои роҳбарии сиёсӣ ба шӯриши мусаллаҳона ташкил карда шуда буд. Аз Съезди 8-уми партия (1919) ҳамчун органи доимӣ амалкунанда гардид. Дар маҷлисҳои Б. с. масъалаҳои муҳимтарини сиёсӣ, хоҷагӣ ва дохилипартиявӣ, ки аксари онҳоро Котиботи КМ КПСС барои муҳокима тайёр мекунад, ҳал карда мешаванд. Барои кор карда баромадани масъалаҳои ҷудогона Б. с. комиссияи махсус ташкил менамояд. Мувофиқи Устави КПСС, ки Съезди 19-уми партия (1952) қабул кард, Б. с. ба Президиуми КМ КПСС табдил дода шуд. Съезди 23-юми партия (1966) дар қарори оид ба тағйироти ҷузъӣ дар Устави КПСС номи Бюрои Сиёсии КМ КПСС-ро чун пурратар инъикоскунандаи характери фаъолияти органи олии сиёсии партия барқарор намуд. Съезди 25-уми КПСС, ки 24-уми февр.— 5-уми марти с. 1976 дар Москва шуда гузашт, 16 аъзо ва 6 номзад ба аъзоии Б. с. интихоб кард.

БЮРОИ ТАШКИЛИИ ИТТИФОҚИ КОММУНИСТИИ ҶАВОНОНИ БУХОРО ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ, органи намояндагии ваколатдори КМ ИКҶБ дар Бухороии Шарқӣ, янв. 1924 мувофиқи қарори КМ ПК Бухоро ташкил ёфт. Б. т. бо роҳбарии бевоситаи Бюрои ташкилии КМ ПК Бухоро дар кори баланд бардоштани дараҷаи фаъолияти сиёсии ҷавонон, аз ҷиҳати ташкилӣ мустаҳкам гардидани ташкилотҳои комсомолӣ, ба муборизаи зидди босмачиён ҷалб намудани комсомолону ҷавонон ва устувор кардани Ҳокимияти Советӣ роли бағоят калон бозид. Бо ташаббуси Б. т. дар Душанбе, Кӯлоб ва Ғарм ташкилотҳои комсомолӣ (1924) барпо шуд. Нояб. 1924 ба ҷои Б. т. КМ ИКҶБ Б. т. ЛКСМ Ӯзб. дар РАСС Тоҷ. ташкил ёфт.
Ю. Исломов.

БЮРОИ ТАШКИЛИИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ ВКП(б), органи иҷроияи КМ партия, янв. 1919 ташкил ёфта буд. Б. т. ба корҳои ҷории ташкилӣ: интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо, тафтиши корҳои ташкилотҳои партиявӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои дурусти байни ташкилотҳои партиявӣ ва муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ, тайёр кардан ва гузарондани маҷлисҳои партиявӣ, назорати ҳисобот ва ахбороти партия, такмили структураи органҳои партиявӣ ва ғ. машғул буд. Аввал аз 5 аъзои КМ иборат буд, аз с. 1921 ҳайати он зиёд шуд ва минбаъд боз тағйир ёфт. Б. т. то Съезди 19 партия (1952) вуҷуд дошт. Аз ҳамон вақт КМ корҳои ташкилии ҷориро ба зиммаи Котибот гузоштааст.
В. Тарасов.

БЮРОИ ТАШКИЛИИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ ПК БУХОРО ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ, органи намояндагии ваколатдори КМ Партияи Коммунистии Бухоро дар Бухороии Шарқӣ (Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ), ки бори аввал 30 марти 1921 дар давраи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Советӣ ва марҳалаи халқию демократии инкишофи Рев. Бухоро ташкил карда шуда буд. Б. т. ваколат дошт, ки дар маҳалҳо органҳои партиявӣ ва советиро ташкил намуда, ба онҳо роҳбарӣ кунад ва ёрӣ расонад. Б. т. дар натиҷаи дар Бухороии Шарқӣ тезу тунд шудани вазъияти ҳарбию сиёсӣ бо супориши КМ июни 1921 фаъолияти худро бас карда, 5 янв. 1922 бо қарори пленуми КМ ПКБ аз нав ташкил ёфт. 5 февр. 1925 Б. т. вазифаҳои худро ба зиммаи Б. т. ПК(б) Ӯзб. дар РАСС Тоҷ. гузошта, фаъолияти худро қатъ кард.
А. Макашов.

БЮРОИ ТАШКИЛИИ ЛКСМ ӮЗБЕКИСТОН ДАР РАСС ТОҶИКИСТОН, органи иҷроияи комсомол, дек. 1924 ташкил шуда, фаъолияти худро асосан аз янв. 1925 сар кардааст. Вазифаи Б. т. аз барпо кардани аппарати роҳбарикунандаи комсомол ва ячейкаҳои нави он дар маҳалҳо, ба кор-

ҳои масъул пешбарӣ кардани фаъолон, қабул ба сафи комсомол, мустаҳкам намудани шефӣ ба Армияи Сурх, баланд бардоштани дараҷаи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии комсомолону ҷавонон ва таъмин кардани иштироки фаъолонаи онҳо дар иҷроии вазифаҳои ба миён гузоштаи партия иборат буд. Б. т. дар кори мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ ва тарбияи коммунистии ҷавонон ҳиссаи калон гузошт. 27 окт. 1925 мувофиқи қарори Конференцияи 1-уми комсомоли Тоҷикистон ба ҷои Б. т. КМ ЛКСМ Ӯзб. дар РАСС Тоҷ. Комитети комсомоли вилоятии Тоҷикистон ташкил ёфт.

Ад.: Очеркҳои таърихи комсомоли Тоҷикистон, Д., 1967; Очерки истории КП Таджикистана, Д., 1968. *Ф. Зикриёев.*

БЮРОИ ТАШКИЛИИ ИК (б) ӮЗБЕКИСТОН ДАР РАСС ТОҶИКИСТОН, органи иҷроиии партияви, ки мувофиқи қарори Бюрои Осиёмиёнагии КМ ВКП(б) 6 дек. 1924 ташкил ёфта буд. Б. т. ба ташкилоти партиявии РАСС Тоҷ. то давраи ташаккули пурраи он роҳбарӣ кард. Ба ҳайати якуми он Ч. Имомов, С. М. Соколов (котибони масъули Б. т.), О. Оҳчурин, А. Алиев, Б. Додобоев, Ҷ. Зокиров, Ч. А. Путовский, Б. В. Толпыго, Ш. Шотемур, А. Ермуҳаммадов дохил буданд.

Пленуми Б. т. органи олии партиявии республика буд. Дар назди Б. т. ва шӯъбаҳои он коллегияи ташкилӣ, коллегияи агитацияю пропаганда, комиссияҳои қабул ба партия, кори деҳот, кооперация ва ёрӣ ба Армияи Сурх ва ғ. вуҷуд доштанд. Б. т. қариб се сол амал кард, зеро тӯл кашидани муборизаи зидди босмачиён, кам будани шумораи коммунистон, пурра набудани аппарати партиявӣ барои даъват кардани конференцияи партиявии вилоят имкон надод. Конференцияи якуми партиявии вилоятии Тоҷикистон (21—27 окт. 1927) ба ҷои Б. т. Комитети партиявии вилоятии Тоҷикистонро интихоб кард.

В. Рудницкий.

БЮРОИ ХОРИҶИИ КОМИТЕТИ МАРКАЗИИ РСДРП, намояндаи умумии партиявии КМ РСДРП дар хориҷа, ки авг. 1908 бо қарори Пленуми КМ РСДРП дар ҳайати 3 наф. ташкил ёфта, ба Бюрои КМ РСДРП оид ба Россия тобеъ буд ва ба он ҳисобот медод. Б. х. вазифадор буд, ки бо Бюрои КМ РСДРП оид ба Россия ва аъзоёни дар хориҷа будаи КМ алоқаи доимӣ дошта, ба кори гурӯҳҳои ёрирасони хориҷии РСДРП ва бюрои марказии он, ба ташкили чорабиниҳои молиявӣ назорат намояд ва барои эҳтиёҷоти партия аз гурӯҳҳои ёрирасони хориҷӣ пул ҷамъ кунад. Пленуми январии КМ (1910) Б. х.-ро дар ҳайати 5 наф. муайян кард ва доираи вазифаҳои онро маҳдуд намуд. Баҳори с. 1910 дар Б. х. аксариятро ликвидаторҳо ташкил карданд. Онҳо кӯшиш доштанд, ки кори муассисаҳои марказии партияро вайрон кунанд. В. И. Ленин қайд намуд, ки Б. х. роли маркази иғвогариро мебозад. Бинобар ин маи 1911 большевикон маҷбур шуданд, ки намояндаи худро аз Б. х. ҷеғ зананд. Июни 1911 маҷлиси аъзоёни КМ сиёсати фракциони зиддипартиявии Б. х.-ро маҳкум кард. Нояб. 1911 Партияи с.-д. Польша, дек. Партияи с.-д. Латвия намояндагони худро аз Б. х. ҷеғ заданд. Янв. 1912 Б. х. худ аз худ барҳам хӯрд.

БЮРОКРАТИЯ (франс. bureau—бюро, идора ва юн. kratos — қувва, ҳокимият, ҳукмронӣ: айнан — ҳокимияти идоравӣ), системаи идораи давлати, ки дар он ҳокимият амалан ба маъмурияти мансабдорон тааллуқ дорад ва фаъолияти органҳои он аз ҳоҳиш ва мароми қисми зиёди аъзоёни ҳамин ташкилот дур аст. Хусусиятҳои Б. расмиятчигӣ, итоати кӯр-кӯрона ба пишондодҳои органҳои болой, ба гардани ҳалқ бо зӯрӣ бор кардани хости ҳукуматдорон, ба манфиати нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани аппарати бюрократӣ ҳал кардани масъалаҳои давлатӣ мебошанд. Б. ҳодисаи таърихӣ буда, аввалин бор дар мамлакатҳои бузурги мутамаркази ғуломдорӣ ва феодалӣ ба вуҷуд омадааст. Дар Бобулистон, Миср, Византия аппарати калони амалдорон ва системаи мураккаби коргузорӣ мавҷуд буд. Б. дар Европа дар а-ҳои 18—19 пайдо шуда инкишоф ёфт. Инкишофи капитализм ва ба сари ҳокимият омадани буржуазия боиси барқарор гардидани тартиботи бюрократӣ гардид. Ба ин процесс дар баъзе мамлакатҳо анъанаҳои сиёсию иҷтимоӣ, ташаккули давлатҳои мутамаркази феодалӣ, буржуазӣ ва мутлақият таъсири бузург расониданд. Дар соҳаи иқтисодиёт барқарор шудани Б. ба давраи гузариш аз рақобати озод ба капитализми монополӣ рост меояд. Вазифаи аввалин ва асосии революцияи пролетарӣ, таълим медод К. Маркс, аз шикастан ва барҳам додани аппарати бюрократии давлат иборат аст. Б. дар Россия дар баробари марказияти давлат ва инкишофи аппарати мутлақият тараққӣ мекард. Рев. Каб. Соц. Октябрь машинаи бюрократии буржуазию помещикиро нест карда аппарати давлатии ҳақиқатан демократию халқиро барпо намуд. Ваҳе боқимондаҳои бюрократизм ба тезӣ аз байн нарафтанд. «Бар зидди бюрократизм то охир, то комилан маглуб шудани вай танҳо вақте муборизаро бурдан мумкин аст, ки тамоми аҳолӣ дар кори идора иштирок кунад» (Ленин В. И., Асарҳо, ҷ. 29, саҳ. 188) Иштироки васеи меҳнаткашон дар идора кардани корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инкишофи фаъолияти сиёсӣ ва бошууронаи онҳо қонуни ҳаёти мо шуд. Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ ба дастгирии оммаи меҳнаткашон такья намуда, аппарати демократии давлати советиро дар асоси принципи централизми демократӣ ва таълимоти марксизм-ленинизм мунтазам такмил медиҳад.

А. Дерюгин.

БЮҶЕТ (англ. budget — ҳалта), даромаду хароҷоти давлат, ташкилот, муассиса, оила ё шахси алоҳида, ки барои муддати муайян пешбинӣ шудааст.

БЮҶЕТИ ДАВЛАТӢ, ҳисоби солонаи даромаду хароҷоти давлатӣ, ки бо пул ифода мешавад. Моҳият, хусусиятҳои даромаду хароҷот ва сохти Б. д. вобаста ба формацияи ҷамъият, сохту фаъолияти давлат тағйир меёбад. Б. д.-и мамлакатҳои капиталистӣ ба моликияти хусусию истисмор асос ёфтааст. Қисми зиёди маблағҳои Б. д. ба мақсадҳои ҳарбӣ ва бойшавии монополияҳо сарф мешавад. Аз даромад зиёд будани хароҷот (дефицити бюҷет) хусусияти хоси Б. д.-и мамлакатҳои капиталистии ҳозиразамон аст. 85—95%-и маблағ ва даромади Б. д.-и мамлакатҳои капиталистиро андозҳои аз коргар, хизматчӣ, деҳқон ва буржуазияи майдаи шаҳр ситонидашаванда ташкил менамояд. Мас., с. 1967 чунин андозҳо дар Франция 92,2%, РФГ ва ШМА 95%, Англия 91,2%-ро ташкил кард. Дар мамлакатҳои капиталистӣ аз Б. д. барои эҳтиёҷоти иҷтимоию маданӣ (маориф, тандурустӣ ва ғ.) маблағи хеле кам сарф мекунанд. Б. д. дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба мақсади нест кардани боқимондаҳои капиталистӣ, барпо кардани хоҷагии мустақил, барои инкишофи иқтисодиёти миллӣ, васеъгардонии сектори давлатӣ ва сохтмони иҷтимоию маданӣ ва ғ. сарф мешавад. Мақсади Б. д.-и мамлакатҳои социалистӣ дар байни районҳои иқтисодӣ, соҳаҳои истеҳсолоти иҷтимоӣ ва ғ. тақсим кардани даромади миллӣ аст. 80—90%-и даромади Б. д.-и ин мамлакатҳоро маблаги аз хоҷагиҳои социалистӣ ҷамъшаванда ташкил менамояд. 45—55%-аш барои инкишофи хоҷагии халқ ва 25—40%-аш барои чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ сарф мешавад. Дар СССР бештар аз 90%-и маблағҳои бюҷетиро даромадҳои аз корхонаҳои саноатӣ дохилшаванда ташкил менамояд. Ин даромадҳо дар натиҷаи тараққиёти босуръати соҳаҳои хоҷагиҳои социалистӣ меафзоянд. Маблағҳои Б. д. асосан барои тараққии соҳаҳои хоҷагии халқ, тадбирҳои иҷтимоию маданӣ, фаровонии моддӣ, баланд бардоштани савияи маданиии аҳолӣ, сохтмони коммуналӣ ва манзилгоҳ, мустаҳкам кардани иқтидори мудофиавии мамлакат ва инчунин органҳои идоракунии давлатӣ сарф мешавад. Б. д.-и СССР бюҷети умумииттифоқӣ буда, бюҷети 15 республика ва бюҷети иҷтимоии суғуртавиро дар бар мегирад. Сохти бюҷети СССР ба принципҳои централизми

демократӣ ва сиёсати миллии ленинӣ асос ёфтааст.

Б. д.-и РСС Тоҷ. плани асосии молиявиест, ки ташкил намудани фонди маблағҳои пулии республика ва роҳҳои истифодаи онро муайян менамояд. Дар тартиб додан, тасдиқу иҷрои Б. д.-и РСС Тоҷ. ягонагии ҳуқуқи депутатҳои халқии Советҳои маҳаллӣ ва системаи бюҷети мамлакату сиёсати молия нигоҳ дошта мешавад. Б. д.-и РСС Тоҷ. бори аввал с-ҳои 1924—25 ташкил ёфта, 3,9 млн сӯм маблағ дошт. Муваффақиятҳои соҳаҳои барқароркунии хоҷагии халқ ва инкишофи музаффариятҳои мадании республика барои беҳтар гардидани таркиби Б. д. роли муҳим бозид. Қисми асосии даромадҳои Б. д.-и РСС Тоҷ.-ро маблағҳои корхонаҳои социалистӣ ташкил менамоянд. Дар марҳалаи аввали сохтмони социалистӣ дар Тоҷикистон қисми даромади Б. д.-и РСС Тоҷ. талаботи хоҷагии халқро қонеъ гардонида наметавонист. РСС Тоҷ. барои баробар намудани қисми даромаду хароҷоти бюҷет аз бюҷети республикавии РСС Ӯзб. дотация мегирифт.

Солҳо	Даромади бюҷет, млн сӯм	Хароҷоти бюҷет, млн сӯм	Дотация	
			маблағ, млн сӯм	вазни ки-ёсӣ дар миқдори умумии даромад, %
1924/25	0,8	3,9	2,4	61,7
1925/26	0,8	6,9	6,1	87,4
1926/27	0,7	9,0	8,3	91,8
1927/28	9,7	11,9	2,2	18,5
1928/29	4,1	15,3	11,1	72,0
1940	58,4	56,7	—	—
1950	111,2	105,2	—	—
1960	328,9	326,3	—	—
1970	827,2	796,1	—	—
1975	1136,4	1073,3	—	—
1976	1156,7	1086,7	—	—

Қисми асосии маблағҳои бюҷет барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқу маданият ва ташкили аппарати нави давлатӣ истифода мешуд. С-ҳои 1924—25 ва 1928—29 танҳо барои аз навбарқароркунӣ ва тараққии х. қ. 13 млн сӯм, барои чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ 8,2 млн сӯм равона карда шуда буд.

Бюҷетҳои маҳаллӣ бори аввал дар вил-ҳои Ӯротеппаю Панҷакент (1924—25) ҷорӣ шудаанд. С-ҳои 1924—28 дар республика аллакай 29 бюҷети маҳаллӣ амал мекард. Тараққии иқтисодиёти социалистӣ ва такмили системаи баплангирӣ имконият дод, ки даромади бюҷети республика бо тезӣ афзояд. Аз 17,8% (1933) ба 85,8% (1937) расид. Дотация аз бюҷети умумииттифоқ аз 258 млн сӯм (панҷсолаи 1-ум) то 133 млн сӯм (панҷсолаи 2-юм) кам шуд. Аз с. 1936 бюҷети республика аз бюҷети умумииттифоқ дотация гирифтанро бас кард. С. 1977 бюҷети давлатии РСС Тоҷ. аз бюҷети республикавӣ, вилоятӣ (4), шаҳрӣ (12), районӣ (41), посёлкавӣ (47), 6 шаҳрии ба район тобеъ ва 293 бюҷети қишлоқ иборат буд. Ин маблағҳо дар асоси бо суръати тез инкишоф ёфтани соҳаҳои хоҷагиҳои социалистӣ меафзояд. Солҳои минбаъда дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодии саноатӣ маблағҳои аз ҳисоби фоидаи ба даст овардаи корхонаҳои ба бюҷет дохилшаванда мунтазам меафзояд. Гарчанде ки қисми зиёди даромади иловагӣ барои васеъ кардани истеҳсолот, ҳавасмандгардонии коргару хизматчиён дар корхона монда шавад ҳам, як қисми он ба Б. д. мегузарад. Андоз аз гардиш ҳамчун қисми асосии даромади бюҷет аз тарафи корхонаҳо пурра ба Б. д. гузаронида мешавад. Пардохтҳои аз аҳолӣ ба бюҷет гузаранда қисми ками даромади бюҷетро ташкил карда, солҳои баъди ҷанг торафт кам шуда истодааст. Қисми асосии маблағҳои бюҷет барои ривоҷи хоҷагии халқ ва тадбирҳои иҷтимоию маданӣ сарф мешавад. Маблағҳои барои ривоҷи хоҷагии халқ сарфшударо дар сохтмони корхонаҳои нав, васеъ ва реконструкция намудани корхонаҳои мавҷуда истифода мебаранд Маблағҳои барои тадбирҳои иҷтимоӣ-маданӣ ҷудо кардашаванда, барои ривоҷу равнақи маориф, тандурустӣ, барпо намудани муассисаҳои таълимӣ, додани стипендия, нафақа, ёрипулӣ ва ғ. ҷудо карда шуда, ба эҳтиёҷоти моддию мадании халқ алоқаманд сарф карда мешавад. Маблағҳои аз Б. д. барои ривоҷи х. қ.-и республика, сохтмону инкишофи иншооти гидротехникӣ ва соҳаҳои он ҷудо кардашаванда сол аз сол меафзояд. Бюҷети маҳаллӣ асоси моддиест, ки барои ривоҷи фаъолияти иқтисодию маданӣ ва сиёсии республика имконият медиҳад. Инкишофи бюҷети маҳаллӣ барои боз ҳам тараққӣ кардани корхона ва фаъолияти муассисаҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Ад.: Болдырев Б. Т., Бюджет современного капиталистического государства, М., 1968; Государственный бюджет СССР, Авторский коллектив под руководством Лаврова В. В. и Плотникова К. Н., М., 1968; Ситарян С., Хозяйственная реформа и бюджет, М., 1968; Таджикская Советская Социалистическая Республика, Д., 1974. *Ҷ. Лафизов.*

БЮҶЕТҲОИ МАҲАЛЛӢ, бюҷетҳои органҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои давлатӣ. Дар СССР — қисми таркибии бюҷети давлатӣ, плани асосии молиявии ташкилу истифодаи фонди воситаҳои пулӣ, ки барои совети депутатҳои халқии маҳаллӣ зарур. Дар СССР Б. м.-и кишварӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, районӣ, посёлкавӣ ва совети қишлоқӣ вуҷуд доранд. Сохти Б. м. ба принципҳои централизми демократӣ ва сиёсати миллии ленинӣ асос ёфтааст. Совети Олии республикаҳои иттифоқӣ бюҷети республикавӣ ва маблағи умумии даромади Б. м.-и ҳар як вилоят (кишвар) ва шаҳрҳои республикаро тасдиқ мекунад; Советҳои депутатҳои халқии вилоят (кишвар) дар ин асос бюҷетҳои округӣ, районҳо ва шаҳрҳои дар ихтиёри вилоят бударо тасдиқ мекунад. Манбаи Б. м. аз ҳисоби мадохилот аз даромади корхона, андозу пардохтҳои маҳаллӣ ва ғ. ба вуҷуд меояд. Б. м.-и республикаи Тоҷикистон низ қисми таркибии бюҷети давлатии Тоҷикистон буда, чорабиниҳои Советҳои депутатҳои халқиро дар соҳаҳои сохтмони хоҷагӣ ва маданӣ бо маблағҳои пулӣ таъмин мекунад. Ба Б. м.-и республика Б. м.-и ВАБК, вил-ҳои Ленинобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, ш. Душанбе, шаҳру районҳо, посёлкаҳо ва С. қ.-ҳо дохиланд. Барои танзими бюҷет ба Б. м. инчунин аз даромадҳои давлатӣ — андози муомилот, андози даромад аз колхозҳо, андозҳои давлатӣ аз аҳолӣ ва ғ. маблағ ҷудо карда мешавад; Б. м. барои бо пул таъмин кардани саноати маҳаллӣ, хоҷагиҳои коммуналӣ, хонаю ҷой, тараққии маорифи халқ, нигаҳдории тандурустӣ ва ғ. аҳамияти калон дорад. Б. м.-и мамлакатҳои социалистӣ бо сохт ва таъиноти худ ба Б. м. СССР монанданд. Дар мамлакатҳои капиталистӣ ба Б. м. бюҷетҳои органҳои маҳаллии худидоракунӣ дохиланд, ки доираи фаъолияти онҳоро ҳукумат ба манфиати буржуазия равона кардааст. Манбаъҳои асосии даромадҳо,— андоз, бештар аз меҳнаткашон гирифта мешавад.

Ад.: О бюджетных правах Союза ССР, союзных республик и местных Советов депутатов трудящихся, М., 1963; Ширкевич Н. А., Местные бюджеты, бюджеты СССР, М., 1965. *Я. Юлдошев.*

БӮГИНАК (Erigeron canadensis), гиёҳи яксола, мансуби *мураккабгулҳо.* Баландиаш то 2 м. Пояи рости шохчанок, барги нештаршакли сермӯяк, гули майдаи сафедчатоб, тӯдагули сабадшакл дорад. Б. растании Америкаи Шимолӣ буда, дар Европа ва кишварҳои диг. паҳн шудааст. Дар РСС Тоҷ. Б. алафи бегона буда, моҳи май гул мекунад Маҳлули обии барги пояи Б. дар табобати илтиҳоби пешобдон, шуш меъдаву рӯда ва бавосири хуншор истифода мешавад. Б. 0,3—0,6% равғани эфир (лимонен, дипентен, терпинеол), витамини С, каротин, моддаҳои даббоғию флавоноидӣ, намакҳои минералӣ, холин ва алкалоид дорад.

Растании Codonopsis clematidea-ро пиз Б. меноманд.

БӮГИНАКҶОРӮБ, говҷорӯб, сиёҳҷорӯб, бурғун (Artemisia annua), гиёҳи яксола, мансуби *мураккабгулҳо*. Баландиаш то 220 см. Б. поя росту сершох, барги паршакл, гули майдаи зарди дуҷинса, гултӯдаи сабадшакли мудаввар, меваи қаҳваранг дорад. Июль-окт. гул карда, авг.-нояб. тухм мебандад. Дар СССР асосан дар Қисми европоӣ, Кавказ, Осиёи Миёна меруяд. Дар Тоҷикистон ҳамчун алафи бегопа дар боғу киштзор, заминҳои партов, канори роҳу наздикии истиқоматгоҳҳо ва ғ. вомехӯрад. Дар тибби халқӣ сабадаки гули дар асал қиёмшудаи опро чун омили рафъи заъфи дил тавсия медиҳанд. Бо шираи баргу поя тару тозаи оп касалиҳои пӯст (хоришак, занбӯруғак, шукуфа)-ро табобат менамоянд. Дар амалияи тибби муосир аз Б. доруи иштиҳоовар тайёр мекунанд. Б. барои истеҳсоли *кофур* (камфора) чун ашьёи хом тавсия шудааст.

Б. намуди ороишӣ низ дорад. Равғани эфири Б.-ро дар атриёт ва собунпазӣ ба кор бурдан мумкин аст. Алафи Б. равғани эфир (кофур, борнеол, цинеол, коденин, кариофилен, пинен, камфен, евгенол ва ғ.) дорад.

М. Ҳоҷиматов, С. Бобохӯҷаева.

БӮЗА, нӯшокии масткунанда, ки аз гандум, ҷав, арзан, кӯфтаи биринҷ тайёр мекунанд. Дар байни халқҳои Осиёи Миёна аз замонҳои қадим маълуму машҳур буд.

БУИМОДАРӢН (Achillea), авлоди растаниҳои бисьёрсолаи алафӣ, мансуби *мураккабгулҳо*. Зиёда аз 200 намуд дорад, ки асосан дар минтақаи мӯътадили Европа ва Осиё ва ноҳияҳои Баҳри Миёназамин вомехӯранд. Дар СССР (қисми Европоӣ, Сибирь, Кавказ, Шарқи Дур, Осиёи Миёна ва ғ.) 50 намудаш вомехӯрад. Дар РСС Тоҷ. 7 намудаш (A. biebersteinii, A. bucharica, A. micrantha, A. millefolium, A. filipendulina, A. santolina, A. setacea) ба қайд гирифта шудааст, ки аксари онҳо дар ҳама ҷо (ғайри Помири Шарқӣ) паҳн шудаанд. Б. барги пармонанди панҷа-панҷа, гули дуҷинсаи сафед, гулобӣ, сурх ва зард дорад. Одатан дар канори ҷӯй, соҳили дарьё, дар дашту биёбон, марғзор, буттазор, дар нишебиҳои регу сангдор, боғу саҳро, чарогоҳ ва бештар

дар минтақаи набототи гармсер (шибляк) ва бешаи паҳнбарг дар баландии то 3000 м аз с. б. меруяд. Б. моҳҳои апр.-июль гул карда, дар авг.-окт. тухм мебандад. Дар байни Б. намудҳои доруии пубанаг A. millefolium (ниг. расм), асаловару равғани эфирдиҳанда (A. filipendulina, A. santolina), хӯрокии чорво (A. micrantha) ва ғ. мавҷуданд.

Ад.: Флора СССР, т. 26, М.-Л., 1961; Флора и растительность ущелья реки Варзоб, Л., 1971. *З. Қурбонбеков.*

БӮЙРОБОҲ, саҳеҳаш Бӯрьёбоф, деҳа дар С. қ. «40-солагии РСС Тоҷикистон», р-ни Ленини РСС Тоҷ. Терр. к-зи «Коммунизм». Аз Б. то маркази С. к. 2 км, то ноҳия 22 км; роҳ мошингард. Аҳол. 390 наф. (1976), тоҷикон ва ӯзбекҳо. Мактаби ибтидоӣ дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обьёрӣ мешаванд.

БӮРДОҚӢ, гӯсфанди бо тарзи махсус (барои гӯшту равған) парво ва фарбеҳ кардашуда. Барои бӯрдоқикунӣ бештар барраҳои гӯсфандони зоти гӯшту пашмдеҳ, дурагаи гӯсфандони зоти маҳинпашму ниммаҳинпашми гӯшту пашмдеҳ мувофиқ аст. Бӯрдоқикунӣ баъди аз меш ҷудо кардани барра оғоз ёфта, дар 7—9-моҳагӣ ба анҷом мерасад. Гӯсфандони думбадори болиғ ва қӯчқорҳои ахтаро низ бо мақсади гирифтани равғани карт Б. (2—3 моҳ) мекунанд. Гӯсфандони бӯрдоқишаванда ҳангоми дуруст парво намудан ва аз рӯи қоида додани хӯрок ҳар шабонаруз 200—300 г фарбеҳ мешаванд. Б.-и 8-моҳа 45—50 кг (гӯшти соф 44—46%) мешавад. Ниг. низ *Фарбеҳкунии ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ.*

Ад.: Щенин В. А., Солдатенков Н. И., Чорводорӣ, Сталинобод, 1961.

БУРИЕВ Қурбоналӣ (тав. 10. 5. 1923, деҳаи Оқмачити р-ни Регар), пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948). Аъзои КПСС аз с. 1951. С-ҳои 1942—43 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. С-ҳои 1937—46 ҳисобчӣ ва мудири хоҷагии к-зи «Қизил нишон», 1947—48 сардори звено, 1949—66 раис ва аз с. 1966 ҷонишини раиси к-зи «Съезди 22-юми партия»-и р-ни Регар. С-ҳои 1947—49 ҳосили фаровони пахта рӯёнд. Б. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 4 ва 5). Бо ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

БӮРИКАЛЛА, каллабӯрӣ, навъи харбузаи пешпазак. Бештар дар вил. Ленинобод, водии Вахш ва инчунин вил-ҳои Тошкент, Бухоро ва водии Фарғонаи РСС Ӯзб. паҳн шудааст. Баъди 73—80 рӯзи кишт мепазад. Ҳосилаш кулӯла, қутраш 18—25 см, вазнаш 2,5—5 кг. Пӯсташ ғафс, камтӯри зарди сабзча, мағзаш сабзи кушод; ғафсиаш 4,5—6 см, нарм ва ширин, то 11% қанд дорад.

Аз ҳар га 200—260 ц ҳосил медиҳад. Дер намепояд.

БӮРОН, боди шадид, ки оби баҳрро ба туғьён меорад ва дар хушкӣ боиси фалокату харобиҳо мегардад. Б. ҳангоми гузаштани *циклони* тропикӣ, ба вуҷуд омадани *гирдбод* (тромб, торнадо), раъду барқи маҳаллӣ мушоҳида мешавад. Дар вақ-

ти Б. суръати бод дар назди сатҳи Замин беш аз 20 м/сон шуда, баъзан то 50 м/сон (дар лаҳзаҳои алоҳида то 100 м/сон) мерасад. Вобаста ба дараҷаи шиддати бод Б.-ро баъзан тундбод (суръати бод беш аз 30 м/сон) ё тӯфон (суръати бод 20—30 м/сон) меноманд.

БӮРХО́К, хоки бӯри беша, навъи хок. Хоки бешаи паҳнбарг (баъзан ҳоҷзор), ки дар шароити гарми мӯътадил ва намнок аз ҷинсҳои хокҳосилкунандаи таркиби механикию генезисашон гуногун ҳосил шудааст. Одатан ранги бӯр ва таркиби хурӯшанок дорад. Дар бурриши амудии Б. қабатҳои пӯшиши баргу алафӣ A_0 (2—5 см), гумусӣ A_1 (15—20 баъзан то 30 см) ва гилӣ В (15—40 см) хуб намудор мешаванд. Кислотанокӣ ва дараҷаи ишқорнокии Б. ба мавқеи географӣ вобаста аст. Б.-и райҳои ҷануб аксаран кислотанок аст. Б. дар СССР асосан дар Карпат, Қрим, Кавказ ва ҷан. Шарқи Дур паҳн шудааст. Дар Б. тамоку, ток, чой ва г. ҳосили баланд медиҳад; барои хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ низ аҳамияти калон дорад.

БӮРЬЕ́, ҳасир, як навъи мафраш, ки аз най мебофанд. То инқилоб Б. дар рӯзгор ва корҳои бинокорӣ байни мардуми Осиёи Миёна хеле маъмул буд. Асосан барои заҳ накашидани қолин, палос, шол ба рӯи фарши хона аз таги онҳо партофта мешуд. Ҳангоми хонасозӣ Б.-ро аз болои васса партофта, ба рӯи он хок мекашиданд. *А. Давидов.*

БӮСТО́Н (то 28. 8. 1966 деҳаи Янтоқ), посёлкаи типи шаҳрӣ, марказ маъмурии р-ни Мастчоҳ, вил. Ленинобод. Аз Б. то ш. Ленинобод 59 км, то ст. р. о. Бекобод 43 км. Аз Б. роҳи мошингарди Ленинобод—Тошкент мегузарад. Аҳол. 8418 наф. (1976), тоҷикон, инчунин ӯзбекҳо, русҳо ва г. Колоннаи механиконидашудаи сайёр, идораҳои сохтмони байниколхозӣ, сохтмону таъмир, шӯъбаи райониии «Тоҷиксельхозтехника», пункти пахтақабулкунӣ, матбаа ва г. дорад. Дар Б. совхозтехникуми ба номи В. И. Ленин, омӯзишгоҳи касбию техникӣ, мактаби мусиқӣ, 2 мактаби миёна, 3 кинотеатр, хонаи маданият, беморхона, таваллудхона, дорухона, комб. хизмати маишӣ (цехҳои дӯзандагӣ, таъмири пойафзол, суратгирӣ ва г.), шӯъбаи алоқа, нуқтаҳои хӯроки умумӣ ва савдо мавҷуданд. Дар маркази посёлка барои хотираи шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ёдгорӣ гузошта шудааст. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — пахтакорию чорводорӣ мебошанд. Заминҳои деҳа ба воситаи кан. «Тоҷикистони Советӣ» аз д. Сир обёрӣ мешаванд.

БӮСТО́Н, деҳа дар С. қ. Октябрь, р-ни Куйбышеви вил. Қурғонтеппа. Дар сари роҳи мошингарди Куйбышев—Ёвон воқеъ аст. Терр. с-зи ниҳолпарвариии «Субтропик». То маркази С. қ. 11 км, то маркази район 13 км. Аҳол. 444 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, магазин дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан ниҳолпарварӣ (ниҳоли лимӯ, анҷир, анор ва растаниҳои ороишӣ). Заминҳо аз кан. Ёвону Обикиик обёри мешаванд.

БӮСТО́Н, деҳа дар С. қ. Гулшани р-ни Фархор, вил. Кӯлоб. Терр. с-зи «50-солагии Комсомоли Тоҷикистон». Аз Б. то маркази С. қ. 6 км, то район 14 км; роҳ асфальт. Аҳол. 640 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — асосан пахтакорӣ ва кирмакдорӣ. Заминҳо ба воситаи насосҳо аз д. Панҷ обёрӣ мешаванд.

«БӮСТОН» بوستان асари манзуми Саъдии Шерозӣ, ки с. 1257 дар баҳри мутақориби мусаммани мақсур таълиф шудааст. «Б.» қариб 4000 байтро фаро мегирад. «Б.» дар Димишқ ба поён расида, ба ҳукмрони замон Абубакр ибни Саъди Зангӣ (1226—1260) пешкаш шудааст. Китоб аз дебоча ва 10 боб иборат аст, ки худи Саъдӣ ба ин тартиб овардааст:

Чу ин кохи давлат бипардохтам,
Бар ӯ даҳ дар аз маърифат сохтам:
Яке боби адл асту тадбиру рой,
Нигаҳбонии халқу тарси худой.
Дуюм боби эҳсон ниҳодам асос,
Ки мӯҳсин кунад фазли ҳақро сипос.
Савум боби ишқ асту мастиву шӯр,
На ишқе, ки банданд бар худ ба зӯр.
Чаҳорум—тавозӯъ, ризо—панҷумин,
Шашум — зикри марди қаноатгузин.
Ба ҳафтум-дар аз олами тарбият,
Ба ҳаштум-дар аз шукр бар офият.
Нӯҳум — роҳи тавбаст — роҳи савоб,
Даҳум — дар муноҷоту хатми китоб.

«Б.» бо номи «Саъдинома» ҳам шӯҳрат дорад, ки ин аз як тараф дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва бо вазни он эҷод шудани асарро таъкид намояд, аз тарафи дигар дар он як қаҳрамони асосӣ мавҷуд аст, ки он худи шоир аст ва афкору андеша, рафтору мавқеи ӯ ғояи асосии асар — болоҳ гузоштани дарвешӣ бар подшоҳӣ ва фуқаро бар салотинро ифода мекунад. Зимни як ҳикоят Саъдӣ мегӯяд:

Шунидам, ки дар рӯзгори қадим
Шудӣ санг дар дасти абдол сим.
Мапиндор, к-ин қавл маъқул нест,
Чу қонеъ шудӣ, симу сангат якест.
Хабар деҳ ба дарвеши султонпараст,
Ки султон зи дарвеш мискинтар аст.
Гадоро кунад як дирам сим сер,
Фаридун ба мулки Аҷам нимсер.
Нигаҳбонии мулку давлат балост,
Гадо подшоҳ асту номаш гадост.
Гадое, ки бар хотираш банд нест,
Беҳ аз подшоҳе, ки хурсанд нест.

Гумон меравад, ки номи аслии китоб маҳз «Саъдинома» бояд бошад. Ба ин худи муаллиф чандин бор ишора кардааст. Аммо баъди таълифи «Гулистон» он номи «Б.»-ро гирифтааст.

Ҳар боби «Б.» бо як навъ муқаддима ё гуфтори назарӣ шурӯъ мешавад, ки ғояи асосӣ, мақсад ва мазмуни бобро ифода карда, ҳикояту тамсилҳо барои таҳкиёти фикр оварда мешаванд. Вале хонанда ҳар ҳикояту тамсилро чун асари мустақили бадеӣ мепазирад ва ҷавҳари асосии китоб — муҳимтарин ҷиҳатҳои зиндагии иҷтимоии замон ва ғояҳои пешгузоштаи нависандаро низ ҳамин ҳикояту тамсилҳо барҷаста ифода мекунанд. Дар «Б.» Саъдӣ зимни нақли тафсили саёҳатҳои чандинсолааш аз саргузашти худ ва одоби зиндагии мардумони гуногун ҳодисаву воқеаҳоро баён намуда, ҳикоятҳои ширин ва тамсилҳои намакин меорад, ки адади онҳо қариб ба 250 мерасад. Мазмуни «Б.» ба мисли «Гулистон» аз панду ҳикмат, андарзу насиҳат, сиёсат ва одоби зиндагӣ иборат буда, маҳз ҳамин ҷиҳат китобро ба яке аз шоҳкориҳои барҷастаи адабиёти форс-тоҷик табдил додааст ва бо ҳамин хусусияти худ «Б.» шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Дар «Б.» Саъдӣ зимни «ҳикоят ва шеърҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ, ҷаҳон-ҷаҳон маъниро ифода карда, хонандаро бо ғизои маънавӣ сер мекунад». (С. Айнӣ). Дар «Б.» пеш аз ҳама масъалаи адл, тадбири давлатдорӣ ба миён гузошта шуда, Саъдӣ дар баробари фош кардани ситамгорӣ ва зулмпешагии подшоҳони замонаш симои мақбули подшоҳи идеалиро офарида, таъкид кардааст, ки адлу инсоф мамлакатро маъмур ва фуқароро саодатманд мекунад ва зулму ситам боиси харобии кишвар, шикасти давлат ва бадбахтии аҳолӣ мешавад. Ин ақидаи Саъдӣ махсусан дар замони ӯ, ки бедодӣ, торочгарӣ ва истибдоди амирони маҳаллӣ ва истилогарони мӯғул фиғони мардумро ба фалак расонда буд, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дошт. Саъдӣ чун нависандаи инсондӯст ва хайрандеш орзуву омоли мазлумонро аз мавқеи гуманистӣ ва тараққихоҳӣ ифода намуда, манфиати ситамдидагонро ҳимоят кардааст. Шоир баъзан ақоиди худро ба забони қаҳрамонони идеалиаш баён мекунад. Чунончи Анушервон ба писараш Ҳурмуз насиҳатомез мегӯяд:

Раият чу беханду султон дарахт,
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.
Макун, то тавонӣ, дили халқ реш,
Агар мекунӣ — меканӣ бехи хеш!

Ҷои дигар таъкид кардааст, ки

Агар ҷавр дар подшоҳ кунӣ,
Пас аз подшоҳ гадоҳ кунӣ!

Саъдӣ дар баробари тавсифи адлу инсоф, ғояи сулҳи пойдор, осоиши халқҳо ва бародарии мардумони гуногуннажод ва гуногунмазҳабу мухталифойинро ташвиқ мекунад.

Агар адолат, сулҳу сафоро асоси ободии мамлакат шуморад, эҳсону саховат, ҷавонмардиву парвариши афтодагон барои ҷиҳатҳои ахлоқи ҳамидаро сабаби камолоти шахсияти ҳаҷиб медонад. Ба ақидаи Саъдӣ ғами бемуродон ва афтодагонро хӯрдан беҳтарин сифати одамист. Аммо Саъдӣ ба ҳама некӣ ва мардумӣ карданро раво намебинад. Баръакс ба мардумозорон ҷазо доданро лозим медонад:

Бихӯр мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурғи бад канда беҳ парру бол!
Ё:
Чу андар саре бинӣ озори халқ,
Ба шамшери тезаш биёзор халқ!

«Б.» ба усули *саҳли мумтанеъ*, бо забони ширину фасеҳ навишта шуда, дар он нутқи персонажҳо фардӣ кунонида шудааст, ки ин дар назм басе душвор буда, аз шоир камоли устодиро талаб мекунад. Бисьёр ҳикояҳои «Б.» ба фольклор гузашта моли халқ шудаанд. Муаллифони зиёде ба «Б.» шарҳ навиштаанд, ки аз ҷумла шарҳҳои туркии Сурурӣ (1548), Судӣ (1562), Шамъӣ (1567) ва «Шарҳи «Бӯстон»-и Абдуррасул (1663) машҳур мебошанд. «Б.» ба забонҳои туркӣ, ӯзбекӣ, русӣ, франсавӣ, немисӣ, англисӣ ва ғ. тарҷума шуда, аз с. 1791 то ба имрӯз матни форсии он дар Эрону Ҳиндустон, Тоҷикистону Афғонистон, Туркияву кишварҳои Ғарб бештар аз 250 маротиба ба табъ расидааст.

«Б.» дар тӯли асрҳо ҳамчун намунаи барҷастаи китоби ахлоқӣ дар адабиёти халқҳои Шарқ назираҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст.

Нашр: بوستان، تهران، ۱۳۴۶ ه. ش.

Мухтасари «Бӯстон», Сталинобод, 1945.

А. Афсаҳзод.

БУСТОНАФРӮЗ (Celosia pyramidalis), гиёҳи яксолаи ороишӣ, мансуби

матинчиҳо. Зиёда аз 60 намуди Б. дар Ҳиндустон, Хитой, Африка, Америка ва Япония вомехӯрад. Дар РСС Тоҷ. дар гулбоғу гулгашт ва тубакҳо парвариш мекунанд. Б. пояи рости (то 60 см) гулобӣ, сабз ё сурх, барги дарозрӯяи байзашакл, хӯшагули ҷорӯбакии арғувонӣ, гулобӣ, зард, сафед, сурх, тухми сиёҳи ҷилодор дорад. Б.-ро дар охири моҳи март ба замини нурандохта мекоранд. Б. аз тобистон то сармои бармаҳал мешукуфад.

Ад.: Тулинцев В. Г., Цветоводство. М., 1953.

М. М. Шарифова.

БӮСТОНӢ البستانی Бутрус (1819—1883), нависанда ва ходими ҷамъиятии араб (Лубнон), яке аз ходимони намоёни таҷаддуди араб. С-ҳои 40-ум «Ҷамъияти илмии Сурия»-ро ташкил карда, дар байни арабҳо аввалин бор шиори озодии занонро ба миён гузошт. С. 1863 барои писарбачаҳо нахустин мактаби миллии «Алмадрасат-ул-ватания»-ро барпо сохт. С. 1870 дар Бейрут газетаи «ал-Ҷаннат», баъдтар газетаи «ал-Ҷунайна» ва журнали «ал-Ҷунон»-ро таъсис дод, ки як гурӯҳ журналистону нависандагони араб дар атрофаш гирд омаданд. Асарҳои сершумори Б. дар 5 маҷмӯа с. 1910 ба табъ расиданд. Б. муаллифи асосӣ ва нашири энциклопедияи «Доират-ул-маориф» аст (ҷ. 1—6, 1876—83). Фарҳанги тафсирии дуҷилдаи забони арабӣ — «Қомус муҳит-ил-муҳит»-ро тартиб додааст (1867—70).

БӮСТОНҚАЛЪА (то 12. 3. 1961 — посёлка), посёлкаи типи шаҳрӣ дар р-ни Кӯргонтеппаи вил. Кӯрғонтеппа. Аз Б. то маркази район 6 км, то ст. р. о. Кӯрғонтеппа 3 км. Аҳол. 2455 наф. (1976), тоҷикон, ӯзбекҳо ва немисҳо. З-ди вино, мактаби миёна, пункти тиббӣ, боғчаи бачагон, клуб, шӯъбаи алоқа, нуқтаҳои хизматрасонӣ (цехи дӯзандагӣ, дӯкони таъмири пойафзол, сартарошхона), магазин дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — боғу токдорӣ.

БӮШАҲРӢ, гули маҳин (Rhododendron), авлоди бутта, баъзан дарахтчаи ҳамешасабз ё хазонрез, мансуби *ҳаланчиҳо*. Тақрибан 600 (аз рӯи маълумотҳои диг. то 1300) намуди он дар кӯҳҳои Осиёи Шарқӣ, Европаи Ғарбӣ ва минтақаҳои мӯътадили Америкаи Шимолӣ паҳн шудааст. Дар СССР (дар Кавказ, Сибирь ва Шарқи Дур) 20 намудаш вомехӯрад. Дар РСС Тоҷ. Б.-ро дар боғҳои ботаникӣ парвариш мекунанд. Б. барги эллипсшаклу дурушти думчааш кӯтоҳ, гули ҚИфшаклу гуногунранги дар тӯдагул нумӯкунанда, меваи панҷпалла, тухмҳои майда дорад. Б.-ро чун растании ороишӣ ва дорӯӣ парвариш мекунанд. Дар тиббиёти халқӣ ҷӯшоби барги Б. (Rh. aureum, Rh. dahuricum, Rh. caucasicum — Б.-и кавказӣ, (ниг. расм), Rh. painticum) барои рафъи табларза, дарди сар, бехобӣ ва чун бактерициду воситаи пешоброн ва ғ. истифода мешавад.

БӮЪД (ар. بعد — дурӣ), 1) фосилаи ду оҳанг, дар назарияи мусиқии асримиёнагии халқҳои Шарқ—оҳанг, нағма, фосила (интервал)-ҳо ва ифодаи нисбии рақамҳои ҳосилшуда, кӯтоҳию дарозии торҳо. Мас. 4 : 3 (тор ба 4 ҳиссаи баробар тақсим шуда, нисбати се тарафи косаи сози он), 3 : 2 ва ғ. Дар рисолаҳои мусиқӣ навъҳои зиёди Б. дучор мешаванд, ки қисми машҳурашон номҳои хос дошта, боқимондаашон нисбати миқдории овозҳоеро, ки Б.-ҳоро ташкил медиҳанд, ифода менамоянд. Мас. мисл ва рубъ ($1^1/_4$ 5 : 4), мисл ва хумс ($1^1/_5$ 6 : 5) ва ғ. Муаллифони рисолаҳои мусиқӣ барои муайян намудани нисбати ташкилшавии овозҳои Б. хати ростро тор номида, онро ба қисмҳои ҷудогона тақсим кардаанд. Аз он ҷумла, тор дар хати поёнӣ ба 20 ҳиссаи баробар тақсим гардида, ба ҳар як қисмати он аз рӯи тартиби абҷад ҳарфҳо гузошта шудаанд (миқдори нисбии ҳарфҳо низ оварда мешаванд):

20	19	18	17	16	15	14	13	12	11	10	9	8	7	6	5	4	3	2	1
К	йт	йҳ	йз	йв	йх	йд	йҷ	йб	йа	Й	Т	Ҳ	З	В	Ҳ	Д	Ҷ	Б	А

Дар ин ҷо ҳарфҳои тарафи «К» овозҳои паст ва тарафи «А» овозҳои баландро ифода менамоянд. Ададҳои калон нисбати ададҳои хурди Б.-ҳоро нишон медиҳанд (мас.: 20 : 19, 20 : 18 (10 : 9), 20 : 17, 20 : 16 (5 : 4), 20 : 15 (4 : 3), ё худ 18 : 17, 18 : 16, (9 : 8) ва ғ. Б.-ҳои зерин бо номҳои махсус дучор мешаванд: 1) Б.-и асғар ё ки фазла (Б.-и аз ҳама хурд, ба як комма баробар, центи он 24); 2) Б.-и бақия (нисбати боқимондаи Б., номи мухтасараш Б.-и б. иборат аз ним нағмаи хурд, нисбаташ 22 : 21 ё ки 20 : 19, центи он 90); 3) Б.-и муҷаннаб (Б.-и ҳамсоя, нағмаи хурд ё ки ними нағмаи калон, нисбатҳояш 10 : 9, 16 : 15, центҳояш 180 ва 114); 4) Б.-и танинӣ (Б.-и ҷарангдор, секундаи калон, нисбаташ 9 : 8, центаш 204); 5) Б.-и зуларбаъ (интервале, ки дар таркиби худ чор нағмаро мутобеъ намудааст, кварта, нисбаташ 4 : 3, центаш 498); 6) Б.-и зулхамс (Б., ки дар таркиби худ панҷ парда дорад, квинта, нисбаташ 3 : 2, центаш 702); 7) Б.-и зулкулл (*октава* ва ба таркиби он дохил шудани овозҳои якхела, нисбаташ 2 : 1, центаш 1200); 8) Б.-и зулкулл вал-арбаъ (октава ва изофаи интервали кварта, нисбаташ 8 : 3, центаш 1698); 9) Б.-и зулкулл вал-хамс (интервале, ки аз изофаи октава ва квинта таркиб ёфтааст, нисбаташ 3 : 1, центаш 1902); 10) Б.-и зулкулл марратайн (интервали дуоктаваги, нисба-

таш 4 : 1, центаш 2400). Дар байни инҳо ҳоло 8-умаш бо номи ундецима, 9-умаш дуодецима, 10-умаш квинтдецима машҳур мебошанд.

Мусиқишиносони форс-тоҷик Б.-ҳоро ба гурӯҳи муфаррах (консонанс) ва ғайримуфаррах (диссонанс) ҷудо намуданд. Консонансҳо (фосилаҳои форам)-ро Б.-и мулоим ё Б.-и мутафиқа ва диссонансҳо (фосилаҳои ноформ)-ро Б.-и танофур ё мутанофир, ғайримулоим меноманд. Б. дар истилоҳи мусиқии тореволюционии тоҷик ва Шарқ кварта ва қаторовозҳои диатоникиро ифода менамуд. 2) Дар ф а л с а ф а и асримиёнагии халқҳои Шарқи Наздику Миёна ченаки сегонаи фазо — арз, тӯл ва умқ. *И. Раҷабов.*

БӮҒУРСОҚ, ниг. *Орзуқ.*

БӮҚАЛАМУН, х а м е л е о н (Chamaeleontidae), яке аз оилаҳои *хазан-*

Бӯқаламуни муқаррарӣ (Chamaeleo chamaeleon).

даҳо, ки 4 ҷинс ва тақрибан 90 намудаш дар минтақаи субтропикӣ ва тропикии Африка ва Осиё паҳн шудааст. Дарозиаш 4—60 см. Бадани Б. паҷақ, сараш тоскулоҳшакл, гарданаш кӯтоҳ, думаш камоншакл, забонаш дароз (то 30 см). Ранги пӯсти Б. бо таъсири омилҳои берунӣ (ҳарорат, рӯшної, намӣ) ва дохилӣ (гуруснагӣ, ташнагӣ, тарс, ангезиш) дигар мешавад. Одатан дар дарахт зиндагонӣ мекунад. Б. ҷанвари камҳаракат аст. Ҳашароту мавҷудоти бемӯҳраро бо забонаш дошта мехӯрад. Аксари Б.-ҳо тухм мегузоранд.

БӮҚАЛАМУН, Х а м е л е о н (лот. Chameleon), бурҷи хурде дар назди Қутби Ҷанубӣ. Б. аз ҳоки СССР намоён нест.

БӮҚАЛАМУН, навъи шоҳӣ, ки рахҳои сабз, гулобӣ, зард, кабуд, тобишҳои гуногуни мавҷмонанд дорад. Оиро шоҳии камон ё шоҳии Камони Рустам низ меноманд. Дар дастгоҳи дупопушала ва дугула бофта шуда, дурӯя аст. Барои дӯхтани либосҳои занона истифода мешавад.

БӮҲРОНИ АГРАРӢ, к р и з и с и а г р а р ӣ, бӯҳрони иқтисодии барзиёдистеҳсол, ки ба х. қ.-и мамлакатҳои капиталистӣ хос аст. Дар натиҷаи Б. а. маҳсулоти х. қ. кам ба фурӯш меравад. Сабаби Б. а. зиддияти байни характери ҷамъиятии истеҳсолот ва тарзи хусусии аз худ кардани маҳсулот ва паст шудани қобилияти харидории аҳолист. Талаби деҳқонон ба мошинҳои х. қ., ба нуриҳои минералӣ ва молҳои саноатӣ кам шудан мегирад ва Б. а. тезу тунд шуда, илоҷи халосӣ аз он боз ҳам душвор мегардад. Хусусияти хоси Б. а. дар ҳамин аст, ки вай назар ба бӯҳрони саноатӣ бардавомтар аст. Мас., аввалин бӯҳрони умумиҷаҳонии аграрӣ, ки х. қ.-и бисьёр мамлакатҳои Европа ва Америкаро фаро гирифта буд, зиёда аз 20 сол давом кард. Бӯҳрони дуюми аграрӣ аз с. 1920 сар шуда, то ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кашол ёфт. Б. а.-е, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сар шудааст, то ҳол дар бисьёр мамлакатҳои лагери капиталистӣ давом дорад. Капиталистони х. қ. тамоми зарари бӯҳронҳои х. қ.-ро ба дӯши меҳнаткашон бор карда, музди кори коргарони х. қ.-ро кам мекунанд. Деҳқонони майда ва миёна дар даврахои бӯҳрон аз тарси хонавайронӣ халосӣ ҷуста, бисьёртар маҳсулот мебороранд, ки ин маҳсулоти истеҳсол кардаашон аз ҳадди эҳтиёҷ зиёд буда, ба фурӯш намеравад. Б. а. ҳамсафари ногузири тарзи истеҳсолоти капиталистӣ буда, барои барҳам додани он системаи муносибатҳои истеҳсолии капиталистиро нест бояд кард.

БӮҲРОНИ УМУМИИ КАПИТАЛИЗМ, процесси умумиҷаҳонии таърихии заволи тарзи истеҳсолоти капиталистӣ ва ба ҷои он бо роҳи революционӣ барпо намудани социализм. Дар давраи империализм Б. у. к. манбаи инкишофи зиддиятҳои сохти буржуазӣ ба ҳисоб меравад. Асосҳои назарияи Б. у. к.-ро В. И. Ленин кор кардааст. Б. у. к. 2 марҳаларо аз сар гузаронида, ба марҳалаи 3-юм дохил шуд.

М а р ҳ а л а и 1-ум дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—18) ва ғалабаи Рев. Октябрь сар шуд, ки дар натиҷа Россия аз системаи капиталистӣ ҷудо шуд. Б. у. к. то Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) давом кард. Аллакай дар ҳамин марҳала бартарии социализм нисбат ба капитализм пурра зоҳир гашт. Истеҳсоли саноатӣ дар СССР с. 1940 нисбат ба с. 1913 7,7 маротиба, маҳсулоти саноати калон бошад, қариб 12 маротиба афзуд. Дар ШМА истеҳсоли саноатӣ с. 1940 нисбат ба с. 1913 191%, дар Англия 121%, дар Франция 111%-ро ташкил кард. Дар охири с-ҳои 30-юм СССР аз мамлакати ақибмондаи аграрӣ ба мамлакати мутараққии индустрӣ-аграрӣ табдил ёфт. Муваффақиятҳои СССР барои авҷ гирифтани ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ кӯмак расонд. Дар бисьёр мамлакатҳои ҷаҳон шӯришҳои халқӣ (Ҳинду Хитой, Филиппин ва ғ.) сар шуданд. Империалистон бо ҳар роҳ ҳукмронии худро нигоҳ доштанӣ шуда, ба муқобили социализм муборизаи сиёсӣ ва иқтисодӣ мебаранд. Б. у. к. қашшоқшавии оммаи меҳнаткашон ва бекории оммавӣ аст. С. 1929 дар таъриҳи капитализм бӯҳрони иқтисодии аз ҳама вазнин сар шуд. То с. 1938 истеҳсолот 13,5% кам шуда, бекорон ба 18 млн расид. Дар натиҷаи тараққии нобаробари инкишофи иқтисодӣ бӯҳрони хоҷагии ҷаҳонӣ боз ҳам чуқуртар гашт. Монополияҳои Германия, Японія ва диг. давлатҳо ба роҳи ҳарбикунонии иқтисодиёт ва тайёрӣ ба ҷанги нави империалистӣ барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон сар карданд.

М а р ҳ а л а и 2-юм дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сар шуд. Дар ин марҳала иқтидори социализм бо тезӣ афзуд. Ғалабаи СССР дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва торумор кардани фашизм барои озод шудани як қатор мамлакатҳои Европа ва Осиё аз зери истилогарони немис ва японія шароит ба вуҷуд овард. 11 давлати ҷаҳон ба роҳи сохтмони социалистӣ қадам ниҳоданд. Системаи социалистӣ ба системаи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Дар Хитой, Вьетнами Шимолӣ, Кореяи Шимолӣ революцияи социалистӣ ғалаба кард. Ҳиндустон, Покистон, Лубнон, Цейлон ва дигар мамлакатҳои мустамликавӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст даровардаанд.

М а р ҳ а л а и 3-юм дар с-ҳои 50-ум дар шароити нисбатан осоиштаи ва ҳамкории ду система ба вуҷуд омад. Хусусиятҳои хоси он: 1) сустшавии бемайлони мавқеи империализм дар ҳамкории иқтисодӣ бо социализм, афзудани таваноии системаи социалистии ҷаҳонӣ ва табдил ёфтани он ба омили ҳалкунандаи тараққии инсоният; 2) таназзули ёфтани системаи мустамликавии империализм ва ба вуҷуд омадани як қатор мамлакатҳое, ки роҳи тараққиёти ғайрикапиталистиро интихоб карданд. Ба системаи ҷаҳонии социализм боз як мамлакати диг. Куба дохил шуд; 3) тезу тунд шудани зиддиятҳои империализм ва афзудани милитаризм, вусъат ёфтани робитаҳои иқтисодии байни мамлакатҳои навбуньёд ва ҷаҳони социализм боиси боз ҳам чуқур гаштани бӯҳрони умумиҷаҳонии хоҷагии капиталистӣ мегардад.

БӮҲРОНҲОИ ИҚТИСОДӢ, к р и з и с ҳ о и и қ т и с о д ӣ, фазаи цикли капиталистӣ аст, ки якбора авҷ гирифтани ҳамаи зиддиятҳои иқтисодиёти капиталистӣ ба он хос буда, дар истеҳсоли барзиёди молӣ ва қатъиян зиёд шудани душвориҳои фурӯши онҳо ифода меёбад. Б. и. боиси ихтисори истеҳсолот, шикасти фирмаҳо, афзоиши бекорӣ, кам шудани маоши коргарон, хонавайрон гардидани деҳқонон мешаванд. Зиддият ва муборизаи синфӣ пурзӯр гашта, дар анархияи истеҳсолот, вай-

рон шудани таносуби иқтисодиёт, зиддияти байни истеҳсолу истеъмол зоҳир мегардад. Доираи маҳдуди истеъмоли қисми асосии аҳолӣ ба тараққии истеҳсолот монеъ мешавад. Бӯҳронҳо ифодаи аз ӯҳдаи идораи қувваҳои истеҳсолкунанда баромада натавонистани капитализм аст. Б. и. тамоми соҳаҳои хоҷагии ҷамъиятиро капиталистиро дар бар мегиранд. Аввалин Б. и. с. 1825 дар Англия сар зада, баъди ҳар 8—12 сол (1836, 1847—48, 1857, 1866, 1873, 1882, 1890) мунтазам такрор ёфтан гирифт. Б. и.-и с-ҳои 1929—33 олами капиталистиро фаро гирифта, баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дуньёи капиталистӣ бӯҳронҳои дигарро низ (1948—49, 1953—54, 1957—58, 1960—61, 1969—71) аз сар гузаронд. Тараққии капитализми давлатӣ-монополистӣ, ҳарбикунонии иқтисодиёт ва инфляция дар процесси такрористеҳсоли капиталистӣ душворӣ ва зиддиятҳои нав ба вуҷуд овард. Ин ҳол заволи ногузири объективонаи капитализм ва зарурати ба системаи социалистии хоҷагӣ иваз кардани онро ба миён меорад.

Ад.: Ленин В. И., Империализм ҳамчун дарачаи баландтарини капитализм, Сталинобод, 1957; Варга Е. С., Современный капитализм и экономические кризисы, М., 1963; Политическая экономия современного монополистического капитализма, т. 1, М., 1970.

БУҲТОН, т ӯ ҳ м а т, қасдан паҳн кардани хабари бардурӯғе, ки каси дигарро беобрӯ мекунад. Б.-ро даҳонакӣ, хаттӣ, чопӣ ва ба шаклҳои диг. паҳн кардан мумкин аст. Б. хоҳ дар ҳаққи шахси калонсол ё хурдсол, хоҳ дар бораи шахси солим ё бемори рӯҳӣ ва ҳатто шахси марҳум содир гардад, нисбат ба он шахс ҷиноят ба шумор меравад. Мутафаккирон ва адибони гузаштаи форс-тоҷик Б.-ро аз хислатҳои бадтарини инсон донистаанд. Хусусияти Б. он аст, ки гунаҳгор ҷабрдидаро ба содир намудани кирдори хилофи ахлоқ, зидди қонун ва г. беасос айбдор мекунад. Барои Б. гунаҳгор мувофиқи мод. 138 КҶ РСС Тоҷ. ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Ад.: Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон, Д., 1963. *М. Муллоев.*

БҲАРАТ, номи расмии Ҳиндустон ба забони ҳиндӣ. Дар қадим Ҳиндустонро «Бҳаратаварша», яъне мамлакати бҳаратҳо меномиданд. Б. аз номи сардори яке аз қабилаҳои қадими Ҳинд — Бҳарата гирифта шудааст. Бҳаратҳо дар ҳазорсолаи 2 ва аввали ҳазорсолаи 1 то м. дар ноҳияи байни д-ҳои Ҷамна ва Сатлеҷ мезистанд. Ҳиндуён ҳоло ҳам ин ҷойро муқаддас меҳисобанд. Қаҳрамонҳои достони *«Маҳабҳарата»* низ бҳаратҳоанд. Ниг. низ *Ҳиндустон.*

БҲАРТРИҲАРИ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири ҳинд. Тақрибан дар а. 7 умр ба сар бурдааст. Асарҳояшро ба санскрит навиштааст. Б. муаллифи маҷмӯаҳои лирикӣ-ишқии «Сад банд аз ҳайси ишқ», «Сад банд дар ҳикмати рӯзгор», «Сад банд аз ҳайси гӯшанишинӣ» мебошад. Дар ин асарҳо зидди дуньёи феодалӣ будани Б. аён аст. Ашъори Б. равон, зебо ва пурэҳсос аст.

БҲИЛОЙ, Б ҳ и л о й н а г а р, шаҳр дар Ҳиндустони Марказӣ, дар шт. Мадҳья-Прадеш. Аҳол. 245,3 ҳаз. наф. (1971). Маркази металлургияи сиёҳи мамлакат. Дар Б. бо ёрии СССР комб. металлургӣ сохта шудааст. Иқтидори солонааш 2,5 млн. т пӯлод.

В

В (ве), ҳарфи сеюми алифбои тоҷикӣ, ки овози ҳамсадои лабудандонии рог (фрикативи)-и ҷарангдорро ифода менамояд. Ин овоз дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо ҳарфи و (вов) нишон дода мешуд. Дар алифбои лотиниасоси тоҷикӣ бо ҳарфи «V» ифода меёфт. Ҳарфи «В»-и алифбои русӣ аз ҳарфи β (веди)-и алифбои славянии қадими кириллӣ баромадааст, ки навишти он ба ҳарфи юнонии «β» («бета», дертар «вита») монанд буд ва овози «Б»-ро ифода мекард, барои ифодаи ҳамин овози «В» қабул шуд. Дар алифбои кириллӣ маъноӣ ададии 2 (ду)-ро низ дошт; дар тоҷикӣ ба ин маъниӣ истифода намешавад. Ҳарфи юнонии «β» аз ҳарфи «бет» (בית)-и алифбои финикӣ баромадааст. Ниг. низ *Б*.

В. Капранов.

ВАБО́, бемории шадиди сироятии одам, ки дар натиҷаи он рӯда осеб дида, организм ба куллӣ заҳролуд мешавад ва мубодилаи обу намаки он таҳриф мегардад. В.-ро вибрионҳо (Vibrio cholerae, Vibrio El-Tor) меангезанд. В. дар СССР с-ҳои 1925—26 ҳамчун бемории эпидемӣ нест карда шудааст.

Манбаи сироят шахси бемор ва вибриондошта аст. Одам бо хӯрок, об, анҷому либоси бемор ва ғ. сироят меёбад. Давраи инкубатсионии беморӣ 2—6 рӯз аст. В. муқаррарӣ бошад, дар як шабонарӯз то 20—30 маротиба дарунравӣ, қай, беҳолӣ, рагкашӣ, камобшавии организм ва агар ғайримуқаррарӣ бошад, дар як шабонарӯз 5—8 маротиба дарунравӣ мушоҳида мешавад. В.-ро бо усулҳои клиникию эпидемиологӣ ва лабораторӣ ташхис мекунанд. Илтиҳоби шуш, саромос, флегмона, сепсис (уфунати хун) ва ғ. боди В.-анд.

Муолиҷа: истифодаи антибиотикҳо, дорухои дил, рафъи беобшавӣ ва хунукшавии организм.

Ҷ. М. Ҳошимов.

ВАВИ́ЛОВ Николай Иванович (25. 11. 1887, Москва — 26. 1. 1943, Саратов), генетик, набототшинос, географи советӣ, асосгузори асосҳои илмии селекцияи ҳозиразамон, ба вуҷудоварандаи таълимот дар бораи марказҳои пайдоиши растаниҳои парвариши, доираи интишори географии онҳо; яке аз аввалин ташкилотчиён ва роҳбарони илмҳои биология ва х. қ. дар СССР. Акад. АФ СССР (1929; аъзо-корр. 1923), акад. АФ РССУ (1929), президент (1929—35) ва ноиб-президенти ВАСХНИЛ (1935—40), аъзои КИМ СССР (1926—35) ва КИМ-и Умумиросия (1927—29), президенти Ҷамъияти умумииттифоқии географҳо (1931—40). С. 1911 Ин-ти х. қ.-и Москва (ҳоло Академияи х. қ.-и ба номи К. А. Тимирязеви Москва)-ро хатм карда, дар кафедраи зироати ҳамон ин-т, ки *Д. Н. Прянишников* роҳбарӣ мекард, ба кор монд. С. 1917 проф. Ун-ти Саратов интихоб гардид. С. 1921 мудири Шӯъбаи ботаникаи таҷрибавӣ ва селекция (Петроград), ки с. 1924 он ба Ин-ти умумииттифоқии ботаникаи таҷрибавӣ ва зироати нав ва с. 1930 ба Ин-ти умумииттифоқии растанипарварӣ (ИУР) табдил ёфт. В. то авг. 1940 роҳбари он буд. С. 1930 В. директори лабораторияи генетика буд, ки баъдтар ба Ин-ти генетикаи АФ СССР табдил ёфт. С-ҳои 1919—20 Ҷан. Шарқи Қисми европоии СССР-ро омӯхта, рӯйхати пурраи зироати Поволжия ва Заволжияро тартиб дод. С-ҳои 1920—40 бо мақсади омӯзиши захираи наботот ба Юнон, Италия, Португалия, Испания, Алҷазоир, Тунис, Марокаш, Арабистон, Фаластин, Сурия, Эфиопия, Эрон, Афғонистон, Ҷопония, Хитой, Корея, Америкаи Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ экспедицияҳои ботаникӣ-агрономӣ ташкил намудааст. В. дар асоси тадқиқи навъу намуди растаниҳое, ки дар кишварҳои Европа, Осиё, Африка, Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ ҷамъ овардааст, *марказҳои пайдоиши растаниҳои парвариширо* муайян намуд. Бино ба маълумоти А. Б. Баранов ва диг. В. аз водии Фарғона бо ағбаи Пакшиф ба Тоҷикистон гузашта, ба воҳаи Қаротегин (Ғарм) саёҳат кардааст. Экспедицияи В. аз водии Панҷ ба Дарвоз, Рӯшон ва Шуғнон гузашта, то Хоруг расид ва ҳавзаи д. Панҷро тадқиқ намуда, ба районҳои кишшавандаи Помири Ғарбӣ, водии д-ҳои кӯҳии Шохдара ва Ғунд низ сафар кардааст. Бори 2-юм В. ба Тоҷикистон ба воҳаи Ишкошим с. 1924 (ҳангоми экспедицияи Афғонистон) омадааст. Дар Тоҷикистон хелҳои гуногуни маҳаллии гандум, ҷав, ҷавдор, наск, лӯбиё, нахӯд ва растаниҳои меваҷоти донакдорро муайян намуд ва Тоҷикистонро яке аз қадимтарин кишварҳои растаниҳои парвариширо номид. Бо роҳбарӣ ва иштироки В. дар СССР коллексияи растаниҳои парвариширо ҷаҳон (дар назди ИУР) барпо шудааст, ки 300 ҳаз. намунаи растанӣ дорад. Бо фаъолияти В. дар мамлакати мо парвариши ҷут, тунг, бисьёр растаниҳои равғани эфирдор, шифоӣ, хӯроки чорво ва ғ. ҷорӣ гашт. Бо ташаббуси ӯ як қатор муассисаҳои илмӣ (мас., дар системаи ВАСХНИЛ: Ин-ти ғалладонаи ҷан. шарқи Қисми европоии СССР, Ин-ти сабзавоткорию боғдорӣ ва растаниҳои субтропикӣ, Ин-тҳои хӯроки чорво, ҷуворимакка, картошка, заҳир, канаб, соя, пахтакорӣ, зироати равғандор, тоҷдорӣ ва чой) ташкил ёфтанд. В. барои корҳои илмиаш дар соҳаи иммунитет, пайдоиши растаниҳои парвариширӣ ва кашфи *қонуни қатори гомологӣ* лауреати Мукофоти ба номи В. И. Ленин (1926) гардид. В. аъзо ва аъзои фахрии бисьёр академияҳои хориҷӣ (Англия, Ҳиндустон, Аргентина, Шотландия ва ғ.) ва ҷамъиятҳои илмӣ буд. С. 1965 Мукофоти ба номи В. таъсис ёфт. С. 1967 ба ИУР номи В. дода шуд. С. 1968 медали тиллои ба номи В. таъсис ёфт, ки ба корҳои шоистаи илмӣ дар соҳаи х. қ. дода мешавад. Ӯ бо медали тиллои ба номи Н. М. Пржевальский, медали калони тиллои Намоишгоҳи Комьёбиҳои Хоҷагии Қишлоқ (1940) мукофотонида шудааст.

Ас.: Избр. труды, т. 1—5, М.-Л., 1959—65; Азия — источник видов, «Растительные ресурсы», т. 2, в. 2, 1966; Избр. произв., т. 1—2, Л., 1967.

Ад.: Резник С., Николай Вавилов, М., 1968; Н. И. Вавилов и сельскохозяйственная наука. Посвящается 80-летию со дня рождения..., М., 1969.

ВАВИ́ЛОВ Сергей Иванович (24. 3. 1891, Москва — 25. 1. 1951, ҳамон ҷо), физики советӣ, ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ. Акад. АФ СССР (1932; аъзо-корр. 1931) ва аъзои Президиуми АФ СССР (1935—38). Баъди хатми Ун-ти Москва (1914) дар хизмати ҳарбӣ (1914—18) буд. С-ҳои 1918—32 муаллим ва мудири кафедраи физикаи умумии Ун-ти Москва (аз 1929 проф.), сипас директори Ин-ти физикаи АФ СССР (1932) ва роҳбари илмии Ин-ти давлатии оптика (1932—45), президенти АФ СССР (1945—51) ва раиси Совети координатсия кардани кори АФ республикаҳои

иттифоқӣ буд. Корҳои илмии В. ба оптика (люминесценция, флуоресценция, хосияти квантии рӯшної ва г.), фалсафаи табиатшиносӣ ва таъриҳи физика бахшида шудаанд. Бо роҳбарии ӯ П. А. Черенков шуоъафкании моеоти софро таҳти таъсири β ва γ-шуоъафкании моддаҳои радиоактив (ниг. *Шуоъафкании Черенков-Вавилов*) кашф кард (1934). В. дар китоби «Микроструктураи рӯшної» (1950) соҳаи нави оптика — микрооптикаро асос гузошт. В. инчунин асосгузори оптикаи ғайрихаттӣ, ташкилкунандаи чандин мактабҳои физикҳо мебошад. Дар фаъолияти В. тарғиби донишҳои илмӣ дар байни омма мавқеи хос дорад. Ӯ яке аз ташаббускорони ташкил кардани ҷамъияти умуминиттифоқии «Дониш» ва аввалин раиси ин ҷамъият (1947), инчунин сармуҳаррири нашри 2-и Энциклопедияи Калони Советӣ (аз с. 1949) буд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ В. вакили фавқулоддаи Комитети давлатии мудофиа таъин мешавад. Бо роҳбарии ӯ асбобҳои наве бунёд карда шуданд, ки бо онҳо Армия ва Флоти Советӣ мусаллаҳ гардид. Депутати Совети Олии СССР (1946, 1950), лауреати Мукофотҳои давлатии СССР (1943, 1946 ва 1951 баъди вафот). Бо 2 ордени Ленин ва ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст. Ба Ин-ти проблемаҳои физикаи АФ СССР (дар Москва) ва Ин-ти давлатии оптика (дар Ленинград) номи В. дода шудааст. Ба номи ӯ инчунин медали тилло таъсис ёфтааст (1951), ки ҳар сол барои корҳои барчастаи илмии соҳаи физика дода мешавад.

Ас.: Собр. соч., т. 1—3, М., 1952—56.
Ад.: Левшин Л. В., С. И. Вавилов, М., 1960.

ВА́ГНЕР (Wagner) Вильгельм Рихард (22. 5. 1813, Лейпциг — 13. 2. 1883, Венеция), бастакори немис, дирижёр, мусиқишинос, ходими соҳаи театр. Шавқи ӯро нисбат ба санъат падарандараш актёр Л. Гейер бедор намудааст. Фаъолияташ аз 15-солагӣ сар шуда, дар оғози эҷодиёт (1828—32) якчанд асари инструменталӣ, аз он ҷумла, симфония (1832) ва увертюраи «Польша»-ро (1832) офарид. Аз с. 1831 студенти Ун-ти Лейпциг; 1833 хормейстери театри Вюрцбург, сонӣ дирижёри театрҳои Магдебург (1834—36), Кёнигсберг (1837), Рига (1837—39) буд. С-ҳои 1839—42 дар Париж зиста аввалин асарҳои комили худ — увертюраи «Фауст» (аз рӯи асари И. В. Гёте, 1840) ва операи «Голландии паррон»-ро (1841) навишт. С-ҳои 1843—49 дирижёри театри дарбории Дрезден буд ва дар асоси ривоятҳои асримиёнагӣ операҳои «Танҳайзер» (1843—45) ва «Лоэнгрин»-ро (1845—48) эҷод кард. В. с. 1849 дар исёни Дрезден иштирок намуда, пас аз шикасти он ба Швейцария муҳоҷират кард. То с. 1858 асосан дар Цюрих зиста, силсилаи операи «Ангуштарини нибелунг»-ро навишт. Пас аз сарсонию саргардонӣ (1859—64) бо даъвати подшоҳи Бавария Людвиги II ба Мюнхен омад. С. 1868 дар ин ҷо операи ӯ «Мутрибони нюрнбергӣ» ба саҳна гузошта шуд. С-ҳои 1871—74 қисмҳои охирини «Ангуштарини нибелунг»-ро таҳия кард. Роли В. дар ислоҳоти санъати опера хеле бузург аст. Ӯ операро бо драмаи мусиқӣ мутобиқ намуда, кӯшиш мекард, ки идеянокии асар пурқувваттар шавад, ҳамаи унсурҳои он ҳамоҳанг ва устувор бошанд. Барои симфонизацияи опера хизмати бузург карда, ҳайати оркестрро миқдоран зиёд ва роли гурӯҳҳои алоҳидаро ба таври нав муайян намуд. Дар асарҳои назариявиаш, хусусан, дар «Санъат ва революция» (1849), «Асари бадеии замони оянда» (1850), «Опера ва драма» (1851), «Муроҷиат ба дӯстонам» (1851) кӯшиш намудааст, ки санъатро бо ҳаёти ҷамъият алоқаманд намуда, тамаддуни буржуазиро ҳамчун инқирози маданият нишон диҳад.

1687

ВАГО́Н (англ. Waggon — ароба), воситаи нақлиёт, ки бо р. о. мегардад ва барои ҳамлу нақли бор ва одамон хизмат мекунад; ба таркиби поездҳои р. о. дохил мешавад. В.-ро мувофиқан барои роҳҳои оҳани камбар ва сербар месозанд. В.-ҳои чормеҳвар, шашмеҳвар ва бисьёрмеҳвар мавҷуданд. Дар роҳҳои оҳани СССР бештар В.-ҳои чормеҳвар истифода мешаванд, ки боркаш ва пассажирӣ мебошанд. Вобаста ба навъи бор вагонҳои боркашро пӯшида ва кушода (дар шакли платформа, цистерна ва г.) месозанд. Мас., барои ҳамлу нақли борҳои зуд вайроншаванда (гӯшт, моҳӣ, мева ва г.), ки ҳангоми кашондани онҳо ҳарор. пасти доимӣ зарур аст, В.-и изотермӣ хизмат мекунад. Дар В.-ҳои пассажирӣ одамон, почта ва багоҷ мекашонанд. В.-и пассажирӣ нармҷой, сахтҷой, умумӣ ва дорои ҳуҷраҳои алоҳидаи 2—4 каса мешавад. Қисмҳои умумии В.: ҷиҳози гашт, кузов, рама, ҷиҳози ядак, тормози дастию автоматӣ. Ҷиҳози гашт В.-ро аз рӯи рельсҳои р. о. бурда, гашти ҳамвору бехатари онро бо суръатҳои матлуб таъмин мекунад. Рама асоси кузовро ташкил медиҳад ва ҳамаи вазни В. ба он меафтад. Ҷиҳози ядак барои ба якдигар ва бо *локомотив* васл кардани В.-ҳо хизмат мекунад. Тормозҳо барои танзими автоматии суръати ҳаракат ва доштани В. ё поезд таъин шудаанд.

1. Вагони пассажирӣ. 2. Намуди дохилии вагони пассажиркаши наздишаҳрӣ. 3. Ҳуҷраи алоҳидаи вагони пассажирӣ. 4. Намуди дохилии вагони почта.



1688



Вагон-цистерна.

Ад.: Вагоны промышленного транспорта, М., 1965; Вагоны СССР, Каталог и справочник, М., 1969.

ВАДО́Й, Ваддой, то ибтидои а. 20 давлат дар Судони Марказӣ. Дар аввали а. 11 ташкил ёфт. Халқи ҳукмрон-маба. Дар В. а. 17 дини ислом паҳн шуд. Давлат аз музофотҳо иборат буд, ҳокимон қисми андозро ба фоидаи худ нигоҳ медоштанд. Ҳудуди В.-ро Франция баъди муқобилияти сахт забт (1908—11) ва ба Убанги-Шари-Чад (Африкаи Экваториии Франция) ҳамроҳ кард.

ВА́ДИА (Wadia) Дарашав Нӯшервон (25. 10. 1883, Сурат,— 15. 6. 1969, Деҳлии Нав), геологи ҳинд. Ун-ти Бамбайро хатм кардааст (1906). С-ҳои 1907—20 проф. геология дар Кашмир, сонитар ходими як қатор муассисаҳои давлатии геологии Ҳиндустон ва Шри Ланка. Президенти як қатор ҷамъиятҳои илмии геологии Ҳиндустон. В. дар зонаи марказии нишебии ҷанубӣ ва доманаи к.

1689

Ҳимолой, Кӯҳи Намак тадқиқот бурда, тектоника ва стратографияи он ҷойҳоро хеле аниқ кардааст. Ояд ба геологияи Ҳиндустон асари калоне нашр намуд.

Ас.: Тарҷумаи русӣ — Тектоника Северной Индии, дар кит.: Труды 17 сессии Международного геологического конгресса, т. 2, М., 1939.

ВАДУЦ (Vaduz), пойтахти князии Лихтенштейн, дар наздикии д. Рейн, дар доманаи қ-кӯҳи Ретикон. Аҳол. қариб 4 ҳаз. наф. (1975). Маркази тиҷорату молияи мамлакат. Истеҳсоли асбобҳои дақиқ, саноати хӯрокворӣ (аз ҷумла вино), бофандагӣ, ҳунармандиҳои ривоҷ ёфтааст. Дар наздикии В. ф-каи калонтарини дандонҳои сунъӣ (аз чинӣ) мавҷуд аст. Банкҳо, коллеҷу музейҳо дорад. Осори меъморӣ: қалъа (а. 9), калисо (1869—73), хонаи ҳукумат (1903—05).

ВАЖА ПШАВЕ́ЛА (тахал.; фам. ва номи аслиаш Лука Павлович Разикашвили; 26. 7 1861 — 10. 7. 1915, Тбилиси), нависандаи гурҷӣ. Аз оилаи рӯҳонӣ. Ба арсаи адабиёт мобайни с-ҳои 80-ум ворид шудааст. Дар шеъру достонҳояш ҳаёти гузаштаи қаҳрамононаи халқи кӯҳистонро реалистона тасвир намуда, мардумро ба муборизаи зидди душманони дохилию хориҷӣ даъват кардааст (шеърҳои «Бабри захмӣ», 1890; «Мактуби сарбози пиёдӣ ба модар», 1915 ва г.). Дар асарҳои эпикиаш масъалаи муносибати инсон ва ҷамъият, инсон ва табиатро ба миён гузоштааст. Муаллифи 36 достон, 400 шеър ва чандин ҳикояву пьеса мебошад. Қаҳрамони асарҳои ӯ ба муқобили қонунҳои кӯҳнашудаи ҷамъият баромадаанд. Чун вассофи забардасти табиат дар назми гурҷӣ назир надорад. Асарҳои В. П. ба забони халқҳои СССР ва бисьёр забонҳои хориҷӣ тарҷума шудаанд. Бо қарори Совети умумиҷаҳонии сулҳ 100-солагии таваллуди В. П. (1961) қайд шуд.

ВАЗЕҲӢ وحیی Ҳоҷа Юсуф (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири охири а. 17 ва аввали а. 18 тоҷик. Дар мадрасаҳои Ҳротеппа таҳсили илм намудааст. Дар 61-солагӣ девони ашъорашро тартиб додааст (аз 383 ғазал иборат). Аксари ғазалҳояш дар пайравии Ҳофиз эҷод шудаанд. Ғазалҳои В. асосан ишқӣ ва орифона буда, дар баъзеаш масъалаҳои ҳимояи мазлумон ва танқиди аҳли риёю зулм саҳо меҳад. *С. Султон.*

ВАЗИРА́К (Barbarea), авлоди растаниҳои ду ё бисьёрсолаи мансуби *чиллиқгулҳо*. Дар дунёё 15 намудаш паҳн шудааст. Дар СССР 7, аз ҷумла дар РСС Тоҷ. 2 намуди он В. arcuata (ниг. расм) ва В. plantaginea дар марғзор, канори роҳ ва заминҳои партов вомехӯрад. Баландии пояи Б. 30—70 см аст, Б. баргҳои барбату паршакл, гулҳои зард, гарднайчаи кӯтоҳ, гардгираки кӯтоҳи дукафон, ғилофаки барҷаста ва цилиндршакли чортега дорад. В. асаловар аст. Баргаш витамини С дорад. Онро чун сабзаи хӯрокӣ истеъмол мекунанд. Аз гули Б. ранги зард мегиранд. Тухмаш 25—36% равған ва гликозиди синигрин дорад. В.-ро ҳайвон намехӯрад.

Ад.: Травянистые растения СССР, т. 1, М., 1971 *С. Ю. Юнусов.*

ВАЗИФА́ (ар. وظيفة — ӯҳдадорӣ, кор, амал), категорияи этика, ки дар он талаботи ахлоқии фард, гурӯҳи одамон, синф ва халқи муайян ифода меёбад. Ин талабот дар шароити конкретии иҷтимоӣ ба ӯҳдадории ботинии онҳо мубаддал мегардад. Дар таъриҳи афкори ахлоқии инсоният мазмуни В. вобаста ба фаҳмиши умумииҷтимоӣ ва ё синфии ӯҳдадорӣ тағйир меёфт. Аз рӯи мазмуни умумиинсонии худ мафҳуми В. як қатор «қоидаҳои оддии зиндагии инсоният»-ро, ки дар давраҳои муайяни таърих муқаррар шудаанд, дар бар мегирад. Масъалаи табиати В. бошад, ҳамеша арсаи задухӯрди мактабҳо ва ҷараёнҳои гуногуни фалсафӣ буд. Асосҳои В. ба ин ва ё он шарҳи зарурати ахлоқӣ (талаботи динӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ) вобаста карда мешуд. Дар этикаи марксистӣ В.-и ахлоқӣ нисбат ба шароит, вазъият, қобилият ва имконияти шахс аниқ кардани талабҳои умумии ахлоқ аст, ки онҳо меъёри масъулият ва мазмуну мундариҷаи виҷдони ӯро ташкил медиҳанд. Ба ин тариқ В. хусусияти ахлоқии муносибати идеявӣ-иҷтимоии шахсро нисбат ба ҷамъият, нисбат ба мухолифатҳо ва таносуби қувваҳои синфӣ ифода мекунад.

ВАЗИФАИ ИСБОТ КАРДАН, дар мурофиаи суд таъбири иштирокчиёни он доир ба исботи ин ё он ҳолати кор. Мувофиқи қонунҳои мурофиаи судии совети В. и. к. яке аз принципҳои асосии ҳуқуқи социалистӣ буда, ҳуқуқи озодӣ ва манфиатҳои қонунии гражданҳоро дар амал муҳофизат менамояд. Дар мод. 15 КМҶ РСС Тоҷ. муқаррар шудааст, ки суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиккунандаи ибтидоӣ вазифадоранд, ки барои ҳарҷонибa, пурра ва объективона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳоро пешбинии кардаи қонунро андешанд, чи ҳолатҳои фошкунанда ва чи сафедкунандаи *айбдоршавандаро*, инчунин ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи гуноҳи ӯро муайян намоянд. Суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиккунандаи ибтидоӣ ҳаҷ надоранд, ки В. и. к.-ро ба зиммаи айбдоршаванда гузоранд. Мувофиқи ҳуқуқи советӣ айбдоршаванда вазифадор нест, ки бегуноҳии худро исбот кунад. Ба ӯ қонун ҳуқуқи худ ҳимояро додааст, бинобар ин ӯ метавонад ҳолатҳое, ки бегуноҳии ӯро тасдиқ, ё ки масъулияти ӯро сабук менамоянд, дар тафтиши пешакӣ ба суд пешниҳод намояд ва худро ҳимоя кунад. Ҳуқуқи Советӣ В. и. к.-ро ба зиммаи органҳои давлатӣ гузоштааст. Дар мурофиаи граждани бошад В. и. к.-ро қонун ба зиммаи тарафҳо (даъвогару ҷавобгар) ва намояндагони онҳо гузоштааст. Мод. 33 КПГ РСС Тоҷ. муқаррар кардааст: «Ҳар як тараф бояд ҳолатҳоеро, ки онҳоро ҳамчун асоси талабу норозигиҳои худ далел меоварад, исбот кунад. Далелҳоро тарафҳо ва дигар иштирокчиёни кор пешниҳод мекунанд». Ниг. низ *Далелҳо*.

Ад.: Процесси чиноятӣ (кит. дарсӣ), Сталинобод, 1948; Кодекси процессуалии граждании РСС Тоҷикистон, Д., 1964; Кодекси мурофиавии РСС Тоҷикистон, Д., 1972. *М. Раҷаббеков.*

«ВАЗИФАҲО́И ИТТИФО́ҚИ ҶАВОНО́Н», нутқи В. И. Ленин дар Съезди 3-юми умумироссиягии комсомол (2 окт. 1920), ки дар он вазифаҳои таърихии тарбияи коммунистии ҷавонон ба миён гузошта, роли ҷавонон дар сохтмони коммунизм муайян карда шудааст. Бори аввал дар газетаи «Правда» окт. 1920 чоп шуда, ҳамон сол дар шакли китобчаи алоҳида аз нашр баромад. В. И. Ленин дар ин нутқаш муҳимтарин принципҳои тарбияи коммунистии ҷавонони мамлакати Советҳо, программаи иштироки амалии ҷавонони советиро дар сохтмони социализм, характери ташкилотҳои ҷавононро дар шароити диктатураи пролетариат муайян кард. Ӯ вазифаҳои комсомолро дар сохтмони ҷамъияти коммунистӣ нишон дода, навиштааст: «Вазифаи ҳақиқии барпо намудани ҷамъияти коммунистӣ маҳз дар пеши ҷавонон меистад. Зеро равшан аст, ки насли коркунонеро, ки дар ҷамъияти капиталистӣ тарбия ёфтааст, дар беҳтарин ҳолат вазифаи нест кардани асосҳои ҳаёти кӯҳнаи капиталистии дар асоси истисмор сохташударо ҳал карда метавонад» (Асарҳо, ҷ. 31, саҳ. 292). Дар айни замон В. И. Ленин роли комсомолонро чун ёрдамчӣ ва резерви Партияи Коммунистӣ таъкид кардааст: «Шумо бояд аз худ коммунистонро тарбия карда расонед. Вазифаи Иттифоқи ҷавонон кори амалии худро чунон ба роҳ мондан аст, ки ин ҷавонон хонда, муташаккилу муттаҳид шуда, муборизаи бурда, худашонро ва

ҳамаи онҳоеро, ки ин ҷавононро пешвои худ медонанд, тарбия диҳанд...» (ҳамон асар, саҳ. 301). В. И. Ленин мактаби тарбияи коммунистӣ ва меъёри санҷиши одобу ахлоқи коммунистиро дар меҳнат медид: «Танҳо дар меҳнат бо ҳамроҳии коргарон ва деҳқонон коммунистони ҳақиқӣ шудан мумкин аст» (ҳамон асар, саҳ. 30). В. И. Ленин равшан нишон дода буд, ки роли роҳбарикунандаи Партияи Коммунистӣ шарти ҳалкунандаи фаъолияти муваффақиятноки комсомол мебошад, вазифаи асосии комсомол «...ба партия дар сохтмони коммунизм кӯмак кардан аст...». Нутқи В. И. Ленин ба комеомоли с-ҳои 20-ум накази конкретии таърихӣ ва ба наслҳои оянда муроҷиатномаи программавӣ гардид.

«ВАЗИФАҲОИ НАВБАТИИ ҲОКИМИЯТИ СОВЕТӢ», асари барҷастаи В. И. Ленин (март-апр. 1918), ки план ва роҳу усулҳои сохтмони асосҳои иқтисодиёти социализмро дар СССР муайян кардааст, 28 апр. 1918 аввалин бор дар газетаи «Правда» ва «Известия ВЦИК» чоп шуд.

В. И. Ленин дар ин асараш масъалаҳои сохтмони социализм, муносибатҳои нави истеҳсолоти социалистӣ ва сиёсати нави иқтисодиёти мамлакатро муайян карда, зарурати ташкили дурусти ҳисобгирӣ ва назорати умумихалқиро аз болои истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулот нишон дод. Ӯ таъкид намуд, ки дар он марҳалаи тараққиёти давлати ҷавони советӣ афзудани ҳосилнокии меҳнат, ташкили мусобиқаи социалистӣ, мустаҳкам кардани диктатураи пролетариат, демократияи социалистӣ ва пешрафти кори советҳо воситаи муҳимми сохтмони муваффақиятноки социализм мебошад. «Мо, большевикон,— навишта буд В. И. Ленин,— Россияро бовар кунондем. Мо Россияро аз боён барои комбаҳалон, аз истисморгарон барои меҳнаткашон кашида гирифтем. Мо бояд акнун Россияро идора кунем» (Асарҳо, ҷ. 27, саҳ. 254). Ин асари Ленин плани сохтмони социализм, муҳимтарин проблемаҳои аз капитализм ба социализм гузаштан, асосҳои иқтисодии Давлати Советиро муайян кард, ки онҳо дар давраи нави социализми мутараққӣ низ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд. *С. Ғуломов.*

ВАЗН (ар. وزن — гаронӣ), қувваи таъсири ҷисм ба такьягоҳи горизонталӣ ё овезаи амудӣ, ки ба афтиши озоди ҷисм мамониат мерасонад. Вазни ҷисм p миқдоран ба қувваи вазнинии ба он таъсиркунанда баробар аст: $p = mg$, m — массаи ҷисм, g — тезшавии афтиши озод. Азбаски масса дар шароити муқаррарӣ бузургии доимист, В. ба қимати g вобаста мебошад. Тағьир ёфтани арзи географӣ ва баландии мавқеи ҷисм аз сатҳи баҳр қимати g-ро тағьир медиҳад, аз ин сабаб қимати В. низ тағьир меёбад. Қимати g ва В. ба тезшавие, ки дар натиҷаи дар гирди меҳвари худ давр задани Замин ба вуҷуд меояд, вобаста аст. Бинобар ин, В.-и ҷисм дар экватор нисбат ба қутб 1/288 маротиба камтар аст. Дар миқьёси хурд дар назди сатҳи Замин қимати g-ро доимӣ ва вазни ҷисмро ба массаи он мутаносиб қабул кардан мумкин аст, ки инро ҳангоми баркашидани массаи ҷисм дар тарозуҳои фашангдор истифода мебаранд. В.-ро бо тарозуҳои пружинӣ чен мекунанд. В. ва масса бузургиҳои физикии гуногунанд; В.-ро бо воҳидҳои қувва (Н, кгқ, тқ), массаро бо воҳидҳои масса (кг, г, т) чен мекунанд. Ба ҷисмҳое, ки ба моеъ ё газ ғӯтонда шудаанд, ғайр аз қувваи вазнинӣ қувваи Архимед ҳам таъсир мекунад (ниг. *Қонуни Архимед*). Бинобар он, тарозуҳои пружинӣ В.-и ҷисмро дар ҳаво нисбат ба вакуум камтар нишон медиҳанд. Ҷисми дар лифт сокин буда, ҳангоми бо лифт бо тезшавии w амудӣ ҳаракат кардан ба поли ӯ бо қувваи $F = m(w \pm g)$ таъсир мекунад (аломати ҷамъ ҳангоми ба боло ва аломати тарҳ ҳангоми ба поён ҳаракат кардан), ки ин мувофиқан ба зиёдшавӣ ё камшавии В. эквивалент аст. Ҳангоми афтиши озоди лифт ($w = g$) *бевазнӣ* ба вуҷуд меояд; чунин ҳолат ба ҳар як ҷисм, ки дар майдони ҷозиба озод ва пешраванда ҳаракат мекунад, хос аст (ракета, радиф ва ғ.). *С. Маҳмудов.*

ВАЗН, дар адабиёти шиносӣ андоза ва ченаки шеър. В. аз хусусиятҳои асосии шеър буда, опро аз сухани муқаррарӣ — аз наср фарқ мекунонад. Бо тартибу низоми муайян паси ҳам ба такрор омадани порчаҳои тараннумӣ (рукн), ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва ё зада дар шеър аз талаботи асосии В. мебошад. В. бо якҷоягии оҳанг дар замонҳои қадим, дар процесси меҳнат ба вуҷуд омадааст. Бо тақозои В. шоир баъзан калимаҳоро ихтисор ва ҷои онҳоро дигар мекунад. В. аз рӯи мавқеи ҳиҷо: баробар омадани миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ — ба арӯзӣ (ниг. *Арӯз*), баробар омадани миқдори ҳиҷоҳо — ҳиҷои (ниг. *Вазни ҳиҷо*) ва аз рӯи мавқеи зада — оҳангӣ (тонӣ) ҷудо мешавад. В. дар шеъри антиқ таносуби мувоқатии мисраъҳо буда, дар асрҳои миёна ба маъноии «оҳангҳо», ки дар асоси задаю миқдори ҳиҷо ва қофия ташкил меёфт, шарҳ дода мешуд. Имрӯз дар адабиёти ҷаҳон бештар ду навъи В.: квалитативӣ — сифатӣ ва квантитавӣ — миқдорӣ мушоҳида мешавад. Дар назми имрӯзаи тоҷик низ ду навъи В.— асосан арӯзӣ ва гоҳо ҳиҷоӣ, кор фармуда мешавад. В.-и ҳиҷо таърихи хеле қадимӣ дошта, аз рӯи баъзе ақидаҳо як қисми китоби *Авесто* бо ин В. гуфта шудааст. Баробари истилоҳи арабҳо дар шеъри тоҷикӣ арӯз дохил шуд ва то имрӯз В.-и асосии шеъри тоҷикӣ ҳисоб меёбад. Ҳоло дар назми советии тоҷик бо таъсири назми рус ва диг. халқҳои советӣ В.-и озод дохил шудааст.

В. дар мусиқӣ ҳамчун табдили овозҳо аз воситаҳои асосии таъсир ва шаклсозӣ буда, ҷузъи ҳар гуна асари мусиқӣ ҳисоб меёбад. Таъсири оҳанг бештар ба мавзунии савту овоз ва нағамот вобаста аст (ниг. *Иқоъ*). В. содда (2 ё 3-ҳиссагӣ), мураккаб (4, 6, 9, 12-ҳиссагӣ), инчунин, ивазшаванда ва омехта (масалан 5-ҳиссагӣ) мешавад. Ҳар як гурӯҳи ҳиссаҳо бо як зада (дар В.-и содда) ё як задаи асосӣ (дар В.-ҳои дигар) зарбро ташкил медиҳанд. В.-и мусиқии тоҷик аз бисьёр ҷиҳатҳо ба қонуниятҳои арӯз мувофиқат мекунад. Аксари истилоҳоти В.-и мусиқӣ ва қисматҳои оҳангу зарбҳо бо истилоҳи арӯз мутобиқати куллӣ доранд. Дар мусиқии классикии тоҷик номҳои зерини В. дучор мешаванд: Давр, Даври равон, Дилафрӯз, Зарбулмулук, Зобул, Рамал, Рамали саҒир, Рамали тавил, Сақил, Тавил, Хафиф ва ғ. В. аз хусусиятҳои шаклии шеър ва мусиқӣ буда, ниҳоят суст тағьир меёбад. *С. Давронов, И. Раҷабов.*

ВАЗНИ ҲАЙВОНОТИ ХОҶАГӢИ ҚИШЛОҚ, массаи танаи ҳайвоноти х. қ., нишондиҳандаи муҳими хоҷагию биологиест, ки расишу инкишофи ҳайвонро ифода менамояд. Аз рӯи тағьироти вазн дар давраи муайян суръати расишу инкишофи ҳайвон, натиҷаҳои нигоҳубин ва фарбеҳиро муайян мекунанд. В. х. х қ.-ро ҳангоми бонитировкаи ҳайвонот ба ҳисоб мегиранд ва аз рӯи вазни онҳо меъёр ва рациони хӯрокро муайян мекунанд. Вазни зиндаи танаи ҳайвонро бо роҳи баркашидан ё ғайримустақим (мас., чен кардан бо усулҳои Клювер-Штраух, Фровейн, Придорогин) муайян мекунанд. Вазни гӯшт—массаи тана бо равғанҳои дарунию зерипӯстӣ, таносуби гӯшту равғанро бо маҳсулоти иловагӣ (пӯст, устухон, узвҳои дарунӣ ва ғ.) ифода мекунад. Аз рӯи вазни гӯшт, ки нисбат ба вазни зинда бо фоиз ифода ёфтааст, миқдори гӯшти софро муайян мекунанд. Миқдори гӯшти софи гов 50—65%, хук 40—60%, паррандаҳои х. қ. 75—85%, харгӯш 60—62% аст.

ВАЗНИ ҲИҶО, вазни шеъриест, ки ба баробарии миқдори ҳиҷоҳои ҳар мисраъ асос ёфтааст. В. ҳ. ба забонҳое мансуб аст, ки зада ҳамеша дар ҳиҷои муайяни калима меафтад. Дар чунин забонҳо зада аҳамияти маъной надорад ва бар хилофи забонҳое, ки ҷои зада ноустувор аст, суст талаффуз мешавад. В. ҳ. дар шеъри тоҷик таърихи бостонӣ дошта, пас аз истилои араб фақат дар назми лафзӣ боқӣ монд. Дар катибаҳои бостонӣ шеърҳои бо ин вазн са-

роидаро омиёна ё фаҳлавиёт меноманд. Дар адабиёти советии тоҷик истилоҳи В. ҳ. дар с-ҳои 20 ба миён омада, то андозае дар адабиёти бачагона ва тарҷумаи асарҳои манзуми адабиёти рус ва Европаи Ғарбӣ кор фармуда мешавад. Дар В. ҳ. имкони вазнсозӣ маҳдуд буда, дар он 4—5 навъи вазн мушоҳида мешавад, ки маъмултарини ин вазнҳо шеъри 7-ҳиҷоист. Аз адибони советии тоҷик А. Лоҳутӣ ва М. Миршакар (дар ашъори бачагонаашон) аз ин вазн бештар истифода кардаанд.

С. Давронов.

ВАЗНИНӢИ СУНЪӢ, дар кайҳон ҳангоми парвози дурударози *киштии кайҳонӣ* шароити мӯътадили ҳаётгузаронии кайҳоннавардонро таъмин мекунад, инчунин ба кор андохтани муҳаррики реактивии моеъгии бортиро осон мегардонад. В. с.-и кӯтоҳмуддатро ҳангоми ба кор андохтани муҳаррикҳои реактивӣ, ки ба маркази массаи киштӣ суръат мебахшанд, ҳосил кардан мумкин аст. В. с.-и дарозмуддатро бо роҳи дар атрофи яке аз меҳварҳояш чарх заниндани киштӣ ҳосил мекунанд. Ҳангоми бо симтаноб ба ҳамдигар пайваста, дар атрофи маркази умумии масса чарх заниндани ду киштии кайҳонӣ низ В. с. ҳосил мешавад.

ВАЗОВ Иван Минчов (9. 7. 1850, Сопот — 22. 9. 1921, София), нависанда ва ходими ҷамъиятии булғор. Дар гимназия таҳсил кардааст. С. 1875 дар комитети революционии маҳфии Сопот иштирок менамуд. Асари аввалинаш с. 1870 ба табъ расидааст. Маҷмӯаи шеърҳои «Байрақ ва гусла» (1876), «Мусибати Булғория» (1877), «Халосӣ» (1878) муборизаи халқи булғорро бар зидди истилои туркҳо ва дӯшворию шодмонии истиқлоли миллиро (1878) инъикос мекунанд. Силсилаи достонҳои лирикию эпикии В. «Ҳамосаи фаромушшудагон» (1881—84) ба муборизаи миллии озодихоҳӣ бахшида шудааст. Ибтидои с-ҳои 80-ум В. ба наср рӯ овард. Дар повести «Мардумон» (1883—84) аз зиндагии муҳоҷирони булғор дар Румыния сухан меравад. Калонтарин романи В. «Дар зери зулм» (1889—90) — эпопеяи реалистиест доир ба шӯриши халқи булғор дар с. 1876. Ин роман, ки ба бисьёр забонҳои Европа тарҷума шудааст, ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳон дохил гардид. Хизмати В. дар таъсиси театри миллии Булғория низ калон аст. Эҷодиёти ӯ нуқтаи олии инкишофи реализми танқидӣ дар адабиёти Булғория мебошад.

ВАЗОРАТ (ар. وزارت — вазирӣ, омоли вазир), органи марказии идоракуни давлатӣ бо сардории вазир, ки ба соҳаҳои муайяни корҳои давлатӣ роҳбарӣ мекунад. Дар Тоҷикистон бо қарори Ревкоми Республикаи Автономии Советии Социалистии Тоҷ. 14 дек. 1924 бори нахуст 8 В. — комиссариати халқӣ ташкил дода шуд: Маорифи халқ, Савдо, Корҳои дохилӣ, Адлия, Нигаҳдории тандурустӣ, Инспекцияи коргару деҳқон, Молия ва Хоҷагии қишлоқ. Ин 8 Комиссариатҳо дар Конституцияи якуми РАСС Тоҷ., ки дар Съезди 2-юми Советҳои республика с. 1929 қабул шуда буданд, низ акс ёфтаанд. Вале дар ин Конституция ба ҷои Комиссариати корҳои дохилӣ Комиссариати оид ба меҳнат зикр шуд. Съезди 3-юми Советҳои РСС Тоҷ. с. 1931 Конституцияи якуми республикаро қабул кард. Мувофиқи ин Конституция 10 Комиссариати халқии РСС Тоҷ.: Зироат, Савдои дохилӣ, Молия, Саноати маҳаллӣ, Адлия, Маориф, Нигаҳдории тандурустӣ, Таъминоти социалӣ, Хоҷагии коммуналӣ ва Корҳои дохилӣ барпо шуд. Дар асоси Конституцияи 2 РСС Тоҷ. (1 марти 1937) бо қарори сессияи якуми Совети Олии РСС Тоҷ. (16 июни 1938) 12 Комиссариати халқии РСС Тоҷ.: Зироат, Саноати хӯрокворӣ, Саноати сабук, Молия, Савдо, Адлия, Нигаҳдории тандурустӣ, Маориф, Саноати маҳаллӣ, Хоҷагии коммуналӣ, Таъминоти социалӣ ва Корҳои дохилӣ ташкил шуд. Бо указе Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. аз 27 марти 1946 Комиссариатҳои Халқии Тоҷ. ба Вазоратҳои Тоҷикистон табдил дода шуданд. Тағйироте, ки ба Конституцияи 2 РСС Тоҷ. дохил шуд, ба мустаҳкам гардидани сохти ҷамъиятиву давлатии республика, минбаъд тараққӣ ёфтани демократияи социалистӣ, васеъ шудани ҳуқуқи республикаҳои иттифоқӣ мусоидат карда, ба беҳтар шудани амалиёти органҳои идоракунии давлатӣ шароит муҳайё намуда, боиси такмили ҳайати В.-ҳои республика гардид. Конституцияи РСС Тоҷ. (нашри с. 1973) дар республика 24 В.-ро муқаррар кардааст. Вазирони Тоҷикистон дар доираи ҳуқуқҳои вазорати дахлдор дар асоси қонунҳои СССР ва РСС Тоҷикистон, қарорҳо ва амрҳои Совети Вазирони СССР, Совети Вазирони РСС Тоҷ., фармонҳо ва дастуруламалҳои В.-ҳои иттифоқию республикавии СССР фармонҳо ва дастуруламалҳо медиҳанд ва иҷрои онҳоро тафтиш мекунанд. В.-ҳои РСС Тоҷ. ё иттифоқию республикавӣ ё республикавӣ мебошанд. В.-ҳои иттифоқию республикавии РСС Тоҷ. аз В.-ҳои Корҳои дохилӣ, Маҳсулоттайёркунӣ, Нигаҳдории тандурустӣ, Корҳои хориҷӣ, Маданият, Саноати сабук, Мелиорация ва хоҷагии об, Саноати гӯшту шир, Маорифи халқ, Мудофиа, Саноати хӯрокворӣ, Саноати масолеҳи бинокорӣ, Алоқа, Сохтмон, Сохтмони қишлоқ, Хоҷагии қишлоқ, Савдо, Молия ва Адлия иборатанд. (мод. 49 Конституцияи РСС Тоҷ.). В.-ҳои иттифоқию республикавии РСС Тоҷ. ҳам ба Совети Вазирони РСС Тоҷ. ва ҳам ба В.-ҳои дахлдори иттифоқию республикавии СССР итоат карда, ба соҳаҳои худ роҳбарӣ мекунанд. В.-ҳои республикавии РСС Тоҷ. аз В.-ҳои Хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, Хоҷагии коммуналӣ, Саноати маҳаллӣ, Таъминоти социалӣ, Нақлиёт ва хоҷагии роҳ иборатанд. (мод. 51 Конституцияи РСС Тоҷ.). В.-ҳои республикавии РСС Тоҷ. бевосита ба Совети Вазирони РСС Тоҷ. итоат менамоянд. Совети Олии РСС Тоҷ. дар Сессияи якуми худ вазирони Тоҷикистонро таъин мекунад. Дар давраи байни сессияҳои Совети Олӣ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мувофиқи пешниҳоди раиси Совети Вазирони РСС Тоҷ. вазирони ҷудогонаро аз вазифа озод ё ба вазифа таъин карда, баъд онро барои тасдиқ ба Совети Олии РСС Тоҷ. пешниҳод менамояд.

Бо қонуни СССР (аз 15 марти 1946) Комиссариатҳои халқии СССР ба В.-ҳои СССР табдил шуданд. Вазирони СССР ба соҳаҳои идоракунии давлатие, ки ба доираи вазифадории СССР дохиланд, роҳбарӣ менамоянд. Вазирони СССР дар асоси қонунҳои ҷорӣ, инчунин қарор ва амрҳои Совети Вазирони СССР барои иҷрои онҳо дар доираи вазифадории В.-ҳои дахлдор фармонҳо ва дастуруламалҳо мебароранд ва иҷрои онҳоро тафтиш менамоянд. В.-ҳои СССР ё В.-ҳои умумииттифоқӣ ва ё иттифоқию республикавӣ мебошанд. В.-ҳои умумииттифоқӣ дар тамоми терр. СССР ба соҳаи худ ё бевосита ва ё ба воситаи органҳои худ роҳбарӣ менамоянд. В.-ҳои иттифоқию республикавӣ ба соҳаи худ одатан ба воситаи В.-ҳои ҳамноми республикаҳои иттифоқӣ роҳбарӣ менамоянд ва фақат шумораи муайяни маҳдуди корхонаҳоро мувофиқи рӯйхате, ки Президиуми Совети Олии СССР тасдиқ менамояд, бевосита идора мекунанд. В.-ҳои умумииттифоқӣ аз В.-ҳои зерин иборатанд: Саноати авиация, Саноати автомобиль, Савдои беруна, Саноати газ, Авиацияи граждани, Мошинсозӣ, Мошинсозӣ барои чорводорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво, Мошинсозӣ барои саноати сабук ва хӯрокворӣ ва асбобҳои рӯзгор, Саноати тиб, Флоти баҳрӣ, Саноати нефть, Саноати мудофиа, Мошинсозии умумӣ, Асбобсозӣ, Воситаҳои автоматизация ва системаи идоракунӣ, Роҳҳо, Саноати радио, Мошинсозии миёна, Саноати дастгоҳ асбобсозӣ, Саноати мошинҳои бинокорӣ, Роҳсозӣ ва Хизмати коммуналӣ, Саноати сохтмони корхонаҳои нефту газ, Саноати киштисозӣ, Саноати трактор ва мошинҳои х. ҳ., Сохтмони нақлиёт, Саноати мошинҳои вазнин, энергетика ва нақлиёт, Саноати мошинҳои химия ва нефть, Саноати химия, Саноати целлюлозаю коғаз, Саноати электронӣ, Саноати электротехника. В.-ҳои иттифоқию республикавӣ аз В.-ҳои

зерин иборатанд: Корҳои дохилӣ, Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, Геология, Маҳсулоттайёркунӣ, Нигаҳдории тандурустӣ, Корҳои хоричӣ, Маданият, Саноати сабук, Ҷангал ва саноати коркарди чӯб, Мелиорация ва хоҷагии об, Монтаж ва корҳои махсуси сохтмон, Саноати гӯшт ва шир, Саноати истеҳсоли маҳсулоти нефть ва нефту химия, Мудофиа, Саноати хӯрокворӣ, Сохтмони саноатӣ, Саноати масолеҳи бинокорӣ, Маориф, Хоҷагии моҳӣ, Алоқа, Сохтмони қишлоқ, Хоҷагии қишлоқ, Сохтмони корхонаҳои индустрияи вазнин, Савдо, Саноати ангишт, Молия, Металлургияи ранга, Металлургияи сиёҳ, Энергетика ва электрофикация, Адлия.

Дар мамлакатҳои социалистии хоричӣ В. аз тарафи органи олии ҳокимияти давлатӣ ташкил мешавад. В.-ро вазир сардорӣ мекунад. Дар республикаҳое, ки президент яккасардор аст, тағьиротро дар ҳайати ҳукумат худи ӯ дароварда, баъдтар барои тасдиқ ба органи олии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд. Дар Куба низ В.-ҳо ташкил шудаанд. Вазирон бо декрети президент таъину озод мешаванд. С. 1953 дар Югославия системаи В.-ҳо ба Котиботи давлатӣ табдил дода шуд.

Дар давлатҳои буржуазӣ В.-ҳо иҷрои корҳои соҳаи муайянро таъмин менамоянд. Дар баъзе давлатҳо В.-ро органи қонунбарор (мас. Америка) ё сардори давлат (мас. Франция) ташкил мекунад. Адади В.-ҳо ва тақсимоти вазифаҳоро сардори давлат ё ҳукумат (президент, сарвазир) ҳал мекунад. В.-ҳо чун органҳои идораи давлат дар Европаи Ғарбӣ дар а-ҳои 16—17 пайдо шудаанд. Ба В.-ҳо вазирон сардорӣ мекарданд. В.-ҳои мамлакатҳои ҳозираи буржуазӣ-монополистӣ органҳое мебошанд, ки манфиати синфҳои буржуазияро ҳимоят ва ба онҳо хизмат мекунанд.

Дар Россия В.-ҳо дар давраи подшоҳии Александри I (1802) ташкил шудаанд. Якумин В.-ҳо: Корҳои дохилӣ, Адлия, Молия, Савдо, Маорифи халқ, Қувваҳои ҳарбии хушкӣ, Қувваҳои ҳарбии баҳрӣ ва Корҳои хоричӣ будаанд. То с. 1917 адади В.-ҳои Россияи подшоҳӣ ба 12 расида буд.

М. Рачаббеков.

ВАЗ, ниг. *Мақулот.*

ВАЗЪИЯТИ РЕВОЛЮЦИОНӢ, маҷмӯи омилҳои объективӣ, ки зиддиятҳои антагонистии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъияти синфиро тезу тунд намуда, фаро расидани революцияи иҷтимоиро зарур мегардонанд. В. И. Ленин се аломати асосии В. р.-ро нишон дода буд: «1) Ҳукмронии худшонро дар як ҳолат нигоҳ доштани синфҳои ҳукмрон номумкин мегардад... Барои фаро расидани революция одатан зиндагии тарзи кӯҳнаро «нахостани табақаҳои поёнӣ» кифоя намекунад, балки боз ба тарзи кӯҳна зиндагӣ карда «натавонистани табақаҳои болоӣ» ҳам лозим аст. 2) Мӯҳтоҷӣ ва мусибатҳои синфҳои мазлум ба дараҷаи болотар аз муқаррарӣ шиддат мегирад. 3) Аз баҳси сабабҳои мазкур фаъолияти оммаҳо хеле қувват мегирад... дар замонҳои пурҷӯшу хурӯш, чи ба воситаи тамоми вазъияти кризис, чи ба воситаи худи «табақаҳои болоӣ» ба хурӯши мустақилонаи таъриҳӣ кашида мешаванд» (В. И. Ленин, Ас., ҷ. 21, саҳ. 217). Фаро расидани В. р.-ро В. И. Ленин қонуни асосии революция медонист, ки инро ҳамаи революцияҳои бузург, аз ҷумла се революцияи рус тасдиқ кардааст. В. р. бо хости партияҳои сиёсӣ ва роҳбарони онҳо ба вуҷуд омада наметавонад. Мухолифати қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ заминаи асосии В. р. мебошанд. В. р.-ро ниҳоят зиддияти тарзи истеҳсолот муайян мекунад. Аммо фароҳам омадани ин зиддиятҳо барои пайдоиши В. р. кофӣ нест. Ин зиддиятҳо В. р.-ро ба таври автоматӣ ба амал намеоваранд. Фаро расидани В. р. ба тезу тунд шудани зиддиятҳои синфӣ, вазъияти конкретии сиёсӣ, афзудани рӯҳияи революционии омма ва пухта расидани кризиси ҳокимият низ вобаста аст. Ба вуҷуд омадани В. р. чунин маъно дорад, ки имконияти воқеиро сар задани революция фаро расидааст. Аммо барои сар задан ва ғалаба кардани революция як худи В. р. кофӣ нест, барои ин боз мавҷудияти омилҳои субъективӣ — шуурноки ва муташаккилии омма дар атрофи партияи революционӣ барои сарнагун намудани синфҳои ҳукмрон зарур аст. Роли омилҳои субъективӣ махсусан дар давраи фаро расидани кризиси умумимиллӣ хеле меафзояд. Марксизм-ленинизм ҳам ба муқобили эътироф накардани зарурати шароити объективии революция ва ҳам ба муқобили процесси соф стихиявӣ доиштани пайдоиши В. р. мебарояд. Дар шароити ба қувваи ҳалкунандаи тараққиёти ҷаҳон табдил ёфтани системаи ҷаҳонии социалистӣ роли омилҳои субъективӣ дар пухта расидани шароити объективии революцияи социалистӣ ниҳоят меафзояд.

В. Приписков.

ВАЗЪИЯТИ ҲАРБӢ, вазъияти махсус дар мамлакат ё дар маҳалҳо алоҳидаи он. В. ҳ.-ро органи олии ҳукуматии давлат дар шароити фавқулодда (ҷанг, офати табиӣ ва ғ.) ҷорӣ мекунад. Дар вақти эълон шудани В. ҳ. чораҳои қатъӣ пешбинӣ мешаванд: тамоми вазифаи органҳои ҳокимияти давлатӣ доир ба мудофиа, таъмини тартиботи ҷамъият ва бехатарии давлат ба ихтиёри ҳарбиён мегузарад. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) бо Указ Президиуми Совети Олии СССР аз июни 1941 дар Москва, Ленинград, бисьёр вилоят, кишварҳо ва республикаҳои Қисми европоии СССР ва баъд дар як қисми Закавказия В. ҳ. эълон шуд. Дар СССР В. ҳ. ба манфиатҳои мудофиаи мамлакатамон ё таъмини тартиботи ҷамъияту бехатарии давлат мувофиқи Конституцияи СССР ҷорӣ мешавад.

ВАЙГАЧ, ҷазира дар уқ. Яхбастаи Шимолӣ, дар сарҳади б-ҳои Баренц ва Кара; аз соҳили материк бо гул. Югорский Шар ва аз Замини Нав бо гул. Дарвозаи Кара ҷудо мешавад. Ба ҳайати округи автон. Ненецҳои вил. Архангельски РСФСР дохил аст. Масоҳ. 3,4 ҳаз. км², тӯлаш қариб 100 км, бараш то 45 км. Соҳилҳои ғарбиаш серхалиҷ. Сатҳаш ҳамвор, дар қисми марказӣ 2 қатортеппа мавҷуд аст, ки баландии ҳар кадом то 140—170 м. Аз варақсангҳои гилӣ, регсанг, оҳаксанг таркиб ёфтааст. Иқлимаш сард. Ҳарор. миёнаи февр. —20° С, июнь 5° С. Бо набототи тундрагӣ пӯшида шудааст. Ботлоқ ва кӯлҳои хурд бисьёранд. Маҳалҳои аҳолинишинаш: Вайгач, Долгая Губа ва Варнек.

ВАЙНЕРТ (Weinert) Эрих (4. 8. 1890, Магдебург— 20. 4. 1953, Берлин), шоири немис. С. 1912 мактаби олии санъати тасвирии Берлинро тамом кардааст. Фаъолияти адабиаш аз с. 1921 сар мешавад. Аъзои Партияи Коммунистии Германия аз с. 1929. Дар маҷмӯаҳои «Тамошохонаи кӯчагӣ» (1925) ва «Эрих Вайнерт гап мезанад» (1930) В. ҳамчун ходими сиёсӣ, агитатор ва ҳаҷвнавис баромад кардааст. Табаддулоти фашистӣ ӯро маҷбур кард, ки ба Швейцария ва баъд ба СССР муҳоҷират кунад. С. 1937 В. ходими сиёсии бригадаи 11 интернационалӣ дар Испания буд. Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ В. сарвари комитети зиддифашистии «Германияи озод» буд. В. муаллифи асарҳои «Сталинградро дар ёд дор» (1943), «Ҷоннисорӣ баҳри ватан» (1942), «Салоҳият» (1942), маҷмӯаи шеърҳои оид ба СССР: «Фасли 2-юми таъриҳи ҷаҳон», «Шеърҳо дар бораи мамлакатҳои социалистӣ» (1947) ва ғ. мебошад. С. 1946 В. ба ватанаш баргашта, тамоми қувваю ғайраташро дар роҳи навсозии демократии Германия сафарбар кард. С. 1949 ва 1952 бо Мукофоти миллӣ тақдир шуд. В. узви Академияи санъати немис буд.

ВАЙНШТЕЙН Борис Константинович (тав. 10. 7. 1921, Москва), кристаллографи советӣ, акад. АФ СССР (1976, аъзо-корр. 1962). Аъзои КПСС аз с. 1957. С. 1945 Ун-ти Москва ва 1947 Ин-ти пӯлодро хатм кардааст. Аз с. 1949 дар Ин-ти кристаллографияи АФ СССР (аз 1958 мудири лаборатория, аз 1962 директор) кор мекунад. Корҳои илмии В. асосан ба таҳлили структурии кристаллҳо, назарияи дифракцияи электронҳо ва нурҳои рентгенӣ, таҳқиқи сохти молекула-

ҳои сафеда оиданд. В. усули электронографияи структуриро (якҷоя бо З. Г. Пинскер ва диг.) буньёд гузошт ва аз ҷиҳати назарияви асоснок намуд. Аввалин шуда мавқеи атомҳои гидрогенро дар як қатор кристаллҳо муайян кард ва структураи бисьёр пайвастҳои комплексӣ ва органикиро шарҳ дод. Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

ВАЙШЕ́ШИКА (санскр. вишеша— хусусият, фарқият), яке аз таълимотҳои муҳимми фалсафии Ҳиндустони Қадим. В. (асосгузораш Канада) дар а. 5 то м. ба вуҷуд омада, тақрибан дар а. 1 м. дар китоби «Вайшешика — сутра» ба системаи муайян дароварда шудааст. Мувофиқи таълимоти В. тамоми мавҷудот ва объектҳои дониш аз 7 навъ иборатанд: ҷавҳар (дравь), сифат (гуна), ҳаракат (карма), кулл (саманья), махсус (вишеша), мулк (самавая) ва нестӣ ё адам (абҳава). Ҷавҳар 9 хел дорад: хок, об, оташ, ҳаво, эфир (асир), вақт, фазо, рӯҳ ва фикр. Чор ҷавҳари аввал хок, об, оташ ва ҳаво аз атомҳо иборатанд. Ба ҳам пайвастани ин атомҳо олами ҷисмониро ба вуҷуд меорад. Атомҳо абадӣ, тақсимнопазир, нодиданӣ, беимтидоданд, маҷмӯи онҳо тамоми чизҳои беинтиҳоро ба вуҷуд меорад. Олами аз атомҳои абадӣ пайдошуда фонӣ буда, доим ҳароб ва аз нав буньёд мешавад. Аз рӯи таълимоти В. худо ҳарчанд холиқи олами объективӣ бошад ҳам, онро аз ҳеҷ не, балки аз заррачаҳои гуногунсифати абадӣ (ану) — хок, об, оташ ва ҳаво, ки дар эфир, вақт ва фазо вуҷуд доранд, офаридааст. Процесси пайдоиши предметҳои алоҳида на ба худо, балки ба адришта (қувваи ноаён) тобеъ аст. Назарияи маърифати В. ба назарияи маърифати *ньяя* шабоҳат дорад: мавзӯи маърифат олами объективист, чизҳои конкретӣ бо ёрии идрок, чизҳои абстрактӣ бо ёрии хулосаҳои мантиқӣ дониста мешаванд. Дониши ҳақиқӣ чор хел мешавад: идрок, хулоса, хотира, дониши интуитивӣ (ҳадсӣ). Дониши ғайриҳақиқи донишест, ки аз шак, дониши мубҳам, хоббинӣ, иштибоҳ иборат аст. *А. Муҳаммадҳоҷаев.*

ВАКОЛА́ТНОМА, ҳуҷҷати хаттие, ки як шахс (вакилкунанда) ба шахси дигар (вакил) медиҳад, то ки ӯ дар назди шахси сеюм аз номи вай амалҳои юридикиро ба ҷо орад. В. ба шахси юридикӣ фақат барои бастани аҳдҳое, ки ба Устав (низомнома) ё қоидаи умумии ҳамин навъ ташкилотҳо зид набошанд, дода мешавад. В. барои гирифтани музди кор, ҳаққи қалам, ихтироъкорӣ, нафақа, ёрипулӣ, стипендия, хату мактуб, пул ва посылка ва ғ. бояд аз тарафи ташкилоте, ки дар он ваколатдиханда кор мекунад ё меҳонад, тасдиқ карда шавад. В. аз номи ташкилоти давлатӣ бо имзои рохбарон ва мӯҳри ин ташкилот дода мешавад. Ба В.-и ташкилоти кооперативӣ ё ҷамъиятӣ бояд имзои шахсони ба ин кор салоҳиятдор ва мӯҳри ташкилот гузошта шавад. В. аз номи ташкилоти давлатӣ, кооперативӣ ё ҷамъиятӣ барои гирифтан ё додани пул ва диг. молу мулки қимматнок ин чунин аз тарафи бухгалтери калон (сарбухгалтер)-и ташкилоти мазкур имзо карда мешавад. Барои иҷрои амалҳои фардӣ В.-и якдафъагӣ, барои иҷрои амалҳои якхела В.-и махсус ва барои иҷрои амалҳои гуногун В.-и генералӣ дода мешавад. Мӯҳлати амали В. аз се сол зиёд намешавад. Амали В. дар мавриди гузаштани мӯҳлат, ё аз тарафи вакилкунанда бекор карда шудани он ва ё аз В. даст кашидани вакил ва ғ. қатъ мешавад (мод. 64—69, КГ РСС Тоҷ.).

ВА́КУУМ (лот. vacuum — холигӣ), 1) ҳолати гази дохили зарф, ки фишораш назар ба фишори атмосфера хело паст аст. Рафтори газ дар олоти вакуумӣ бо таносуби байни *масофаи дави озод*и молекула (ё атом)-ҳои газ l ва андозаи хусусии ин ё он асбоб ё ин ки процесс d (мас., масофаи байни деворҳои зарф, диаметри ғулбаи газгузар, масофаи байни электродҳо ва ғ.) муайян карда мешавад. Вобаста ба таносуби байни l ва d В.-и паст ($l \ll d$), миёна ($l = d$) ва баланд ($l \gg d$) мавҷуд аст. Дар асбобу олоти вакуумӣ ба В.-и паст фишори баландтар аз 10^2 Па, ба В.-и миёна аз 10^2 то 10^{-1} Па ва ба В.-и баланд аз 10^{-1} то 10^{-5} Па мувофиқ меояд. Фишори пасттар аз 10^{-5} Па ба В.-и фавқулодда баланд мансуб аст (1 мм сут. сим. = 133, 322 Па). 2) Дар назарияи заррачаҳои элементарӣ В. ҳолати асосӣ, яъне ҳолати квантии аз ҷиҳати энергетикӣ пасттарини майдон ё системаи майдонҳост.

ВАКУУММЕ́ТР (аз *вакуум* ва... *метр*), манометри вакуумӣ, асбоби чен кардани фишори газҳои тунук. Барои чен кардани фишори пурра (бо мм сут. сим. ё тор; 1 тор = 1 мм сут. сим. = 133, 322 Н/м²). В.-ҳои моеӣ, механикӣ (деформационӣ,



Диапазони фишорҳои кории вакуумметрҳои гуногун (бо хати пунктир қиматҳои ҳудудии фишор нишон дода шудааст).

мембранӣ ва ғ.), компрессионӣ, ҳаратӣ (термопаравӣ ва термоэлектрикӣ), ионизационӣ, магнитии электроразрядӣ, гилзатӣ ва радиометрӣ мавҷуданд; барои чен кардани фишори парциалӣ масс-спектрометрҳо ва ченкунандаҳои махсус истифода мешаванд. Диапазони фишорҳои кории В.-ҳои гуногун дар расм нишон дода шудааст.

ВАКХ, ниг. *Дионис.*

ВАКХАНА́ЛИЯ (лот. Bacchanalia), 1) намоиши динӣ дар Рими Қадим ба шарафи *Дионис* (Вакх) дар а. 2 то м. Дар В. аввал фақат занон иштирок мекарданд, баъд ба ширкати мардҳо низ иҷозат шуд. С. 186 то м. бо қарори махсуси сенат дар Италия В. манъ гардид. Аммо В. дар баъзе вил.-ҳои Италияи Ҷанубӣ то давраи империя махфӣ мегузашт. 2) Маҷозан айшу ишратпарастӣ, ки бо сурудхонӣ ва бетартибӣ мегузарад.

ВАКЦИ́НА (лот. vaccinum — нагзаки гов, аз vacca — гов), моя, дору барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятии одаму ҳайвон, ки аз микроорганизмҳо (бактерияҳо, вирусҳо, риккетсияҳо) ва ё аз маҳсули фаъолияти ҳаётии онҳо тайёр карда мешавад. В.-ҳо зинда, кушташуда, химиявӣ ва анатоксинӣ мешаванд. В.-и зиндаро аз микроорганизмҳои хусусияти беморианҳезиашон суст ҳосил мекунанд. Чунин моя ҳангоми ба бадан гузаронидан зиёд шуда, боиси бемориҳои сабук мегардад. Организм ба муқобили ин хел беморӣ масуният пайдо карда метавонад. Ҳоло бо В.-и зинда бар зидди чечак, ҳорӣ, сӯхтанӣ, тоун, сил, табларза, туляремия, паппатачи, солак ва ғ. мубориза мебаранд. В.-и кушташударо аз микроорганизмҳои кушташуда (бо таъсири омилҳои физикавӣ ва химиявӣ) тайёр мекунанд. В.-и кушташуда назар ба В.-и зинда камтаъсир аст. В.-и кушташударо бар зидди бемориҳои сироятии рӯда, сулфакабутак, бруцеллёз, домана, энцефалит, грипп, фалаҷи бачагон ва ғ. ба кор мебаранд. В.-и химиявӣ моддаҳои аз ҳуҷайраҳои бактерияви бо усулҳои химиявӣ ҳосил кардашуда буда, барои табобати бемориҳои сироятии рӯда, паратиф, исҳол ва риккетсиозҳо истифода мешавад. Анатоксинҳо дар хун античисмҳое ҳосил мекунанд, ки онҳо таъсири токсин (заҳр)-и муайянро рафъ мекунанд. Онҳоро барои пешгирӣ кардан аз дифтерия, сирояти стафилококкӣ ва ғ. истифода мебаранд. В.-и аз ангезандаи як сироят тайёр кардашударо моновакцина ва аз ангезандаи чанд беморӣ тайёркардашударо поливакцина меноманд. В. ба бадан аз қабат ва зери пӯст, аз қабати мушак, аз дарунии бинӣ, аз даҳон ва ғ. гузаронида мешавад. В.-ро дар ветеринария барои пешгирӣ ва табобати зиёда аз 20 касалии сироятӣ кор мефармоянд. Тарзи тайёр кардан ва истифодаи В. дар ветеринария ва тиб якхела аст.

БУЛГОРИЯ


ТАКСИМОТИ МАЪМУРЙ
МАСШТАБ 1 6 000 000
МАСШТАБ 1 2 500 000
ШКАЛАИ ЧУКУРИ ВА БАЛАНДИХО БА ХИСОБИ МЕТР
ПЛЕВЕН
СТАРА ЗАГОРА
ВАРНА
БАХРИ ЭГЕЙ

БУЛГОРИЯ. ХАРИТАИ ИКТИСОДИ

ИСТЕХСОЛИ САРВАТХОИ ЗЕРИЗАМИНИ

- Ан — ангиштсанг
- Ан — ангишти бур
- Лг — лигнит
- Н — нефть
- Г — гази табиї
- Гр — маъдани ҳаҷм
- Мн — маъдани манган
- Мс — маъдани мис
- Пб — маъдани сурбу рух
- Ба — барит
- Нм — намаки ош
- Г — гач
- Ка — каолин

СОҲАҲОИ САНОАТИ МАҲСУЛОТ

- Металлургияи сиёҳ
- Металлургияи ранга
- Мошинсозӣ ва коркарди металл
- Истеҳсоли маҳсулоти нефть
- Химия ва резин
- Истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ
- Шиша ва чинии фаянс
- Чӯбгарӣ
- Целлюлозаю коғаз
- Бофандагӣ
- Чарму пойафзол
- Хӯрокворӣ

ХОҲАГИИ КИШПОК

- Кишти ғаллаю ва офтобпараст ғӯсфанду хукпарвари
- Ғаллаю чуворимакка бо кишти офтобпараст чорводорӣ бароҳ ғӯшту шир, ғӯсфанду мурғпарвари
- Боғу тоҷдорӣ, саҳҳавоткорӣ бо кишти зиёди зироатҳои техникӣ
- Тоҷдории саҳҳавоткорӣ
- Боғдорӣ ва тамокукорӣ
- Тоҷдорӣ ва тамокукорӣ
- Тамокукорӣ
- Тоҷдорӣ
- Хоҳагии наздишаҳрӣ (саҳҳавоткорӣ, чорвои чӯшой)
- Чорводорӣ дар чарогоҳҳои кӯҳӣ, ғаллаю картошкакорӣ ва боғдории тараққикарда, саноати чӯбу тахта
- Чорводорӣ дар чарогоҳҳои кӯҳӣ, ғаллаю картошкакорӣ ва саноати чӯбу тахта
- пахта
- шолӣ
- пӯбиё
- канаб
- тамоку
- ангур
- ҷаҳ
- гули саҳбарг
- паблабуни ҷанд
- боғ
- кирмакдорӣ
- Заминҳои обёришаванда
- Беша

СТАНЦИЯҲОИ ЭЛЕКТРИКӢ

амалкунанда	сохташаванда
обӣ	обӣ
станцияҳои обӣ	станцияҳои обӣ
атомӣ	атомӣ

- зиёда аз 500 ҳаз. кВт
- 100-500 ҳаз. кВт
- 25-100 ҳаз. кВт

МУОМИЛОТИ СОЛОНАИ БОРИ БАНДАРҲО

- зиёда аз 3 млн. тонна
- аз 1 то 3 млн. тонна
- то 1 млн. тонна

МАСШТАБ 1 : 2 500 000

Дар фабрикаи №4 СУҒК с. 1977

ВАКЦИНА́ЦИЯ, вакцинагузаронӣ, моягузаронӣ, истифодаи вакцина барои пешгирӣ кардани бемориҳои сироятӣ — масунияти пайдо кардан бар зидди бемориҳои сироятӣ.

ВАЛ, воситаи қадимаи ғаллакӯбиест, ки аз шохҳои серхори буттаву дарахт месозанд. Онро ҳамчун мола низ истифода мекунанд.

ВАЛАМАТЗО́ДА Ғаффор Рустамович (тав. 9. 5. 1916, Хуҷанд, Ленинободи ҳозира), балетмейстери советии тоҷик. Арт. Халқии СССР (1976). Аъзои КПСС аз с. 1942. Аз оилаи деҳқон. С-ҳои 1930—32 дар техникуми мусиқиюи театрии Ленинобод таҳсил кардааст. Баъди хатми техникум аввал солисти труппаи Театри мусиқии Ӯзбекистон дар ш. Тошкент, баъд с. 1934 солисти балет ва балетмейстери Театри мусиқии драмавии Душанбе таъин мешавад. В. Омӯзишгоҳи хореографии назди Театри Калони Москва (1944—46) ва шӯъбаи балетмейстерии Ин-ти давлатии санъати театрӣ (ГИТИС)-ро (1946—51) хатм намудааст. С-ҳои 1951—63 сарбалетмейстери Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ (Душанбе). С-ҳои 1963—72 директор ва роҳбари бадеии Филармонияи давлатии Тоҷикистон. С. 1965 Ансамбли рақсии давлатии «Лола»-ро ташкил намуда, алҳол (1978) роҳбари бадеӣ ва сарбалетмейстери он аст. Техникаи бой, истифодаи фольклори халқӣ, омезиши балети классикӣ бо рақси миллӣ, офаридани образҳои мукаммал чиҳатҳои хоси эҷодиёти В. мебошад. Ҳар як рақси офаридаи ӯ саршори ҳиссиёти амиқ, санъати баланд ва мундаричаи бой аст. Балетҳои ба саҳнагузоштаи В.: «Лайлӣ ва Маҷнун»-и С. Баласанян (1947), «Ду гул»-и А. Ленский (1941), «Сарчашмаи бахт»-и Л. Книппер (1951), «Эсмеральда»-и Ц. Пуни (1953), «Фаввораи Боғчасарой»-и Б. В. Асафьев (1954), «Дилбар»-и А. Ленский (1954) ва ғ. В. таҳиякунандаи рақсҳои операҳои «Парии оби»-и А. С. Даргомыжский (1953), «Шӯриши Восеъ»-и С. Баласанян (1958), «Князь Игорь»-и А. Бородин, «Аида»-и Ҷ. Верди (1960), «Арӯси шоҳ»-и Н. Римский-Корсаков (1961), «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ (1961), «Домоди номдор»-и С. Урбах (1965) ва диг. С-ҳои 1965—75 рақсҳои зеринро гузоштааст: «Иди лола», «Шодмонӣ», «Бачаҳои Октябрь», «Суруди кӯҳсор», «Тӯи Помир», «Чорзарб» рақсҳои афғонӣ, ҳиндӣ, эронӣ, озарӣ, покистонӣ ва ғ. Яке аз асосгузорон ва ташкилкунандагони Филармонияи давлатии Тоҷикистон, Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, Ансамбли давлатии рақсии «Лола». Депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъватҳои 2, 4, 5, 7). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1949) ва Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ (1975). Бо ордени Ленин, 3 ордени БайраҚи Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВАЛДА́Й, баландӣ дар шим. ғарби ҳамвории Рус, дар ҳудуди вил-ҳои Ленинград, Новгород, Калинин, Псков, Смоленск. Тӯли В. беш аз 600 км. Баландиаш аз 150 м то 343 м. Д-ҳои Волга, Двинаи Ғарбӣ, Ловать, Мста, Сясь, Молога ва ғ. аз ҳамин ҷо сар мешаванд. В. силсилаи теппаҳои Тихвин, Мегор, баландии Вепсҳо ва ғ-ро дарбар мегирад. Рельефаш моренӣ, теппадор. Кӯлҳо бисьёранд: Пено, Вселуг, Волго, Селигер ва ғ. В. ноҳияи туризм аст.

ВАЛДИРҒО́Н, балдирғон, круш (Heracleum lehmannianum), растании ду ё бисьёрсолаи алафӣ аз *чатргулҳо*. Пояи ғафсу дарунхолии он аз 1 то 3 м баланд мешавад. Барги калони дароздумча (100—120 см), гултӯдаи чатрнамо, гули майдаи сафед, меваи байзашакл дорад. Июль-авг. гул мекунад. Одатан дар ҷойҳои сернам, канори чашмаю ҷӯйбор, соҳили дарьё ва ғ. дар баландии 1000—2500 м аз сатҳи баҳр дучор мешавад. Растании хоси Помиру Олой ва Тиёншони Ғарбӣ аст. Дар РСС Тоҷ. (қ-кӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Дарвоз, Қаротегин, Пётри I ва ғ.) васеъ паҳн шудааст. В. хӯроки хуби чорвост. Алафи хушки В. (дар давраи шукуфтн гул) 18—20% протеин, 14—16% сафеда, 2—3% равған, 45—48% моддаҳои қиёмии бенитроген, витамин ва намакҳои минералӣ дорад.

Кишти В. дар заминҳои обии Тоҷикистони Ҷанубӣ нишон дод, ки аз ҳар га валдирғонзор 1000—1200 ц баргу пояи сабзи силосбоб гирифтан мумкин. Дар шароити ҷануби республика тамоми зимистон сабзида, аввали май гул мекунад.

Ад.: Манденова И. П., Флора СССР, т. 17, М.-Л., 1951. *А. Мадаминов.*

ВАЛЕ́НСИЯ (Valencia), шаҳр дар шарқи Испания, маркази вил. таъриҳӣ ва музофоти Валенсия. Бандар дар Баҳри Миёназамин, дар резишгоҳи д. Гуадалавьяр (Турия). Узели р. о. Аҳол. 497 ҳаз. наф. (1970). Сеюмин шаҳри сернуфуси мамлакат (баъди Мадрид ва Барселона). Маркази коркард ва содироти маҳсулоти х. қ. (меваҳои цитрусӣ, сабзавот, биринҷ ва ғ.) дар ноҳияи Уэртаи Валенсия. Соҳаҳои саноаташ: консерви меваю сабзавот, тамоку, киштисозӣ, таъмири вагон, моторсозӣ, бофандагӣ, химия. Корхонаҳои ҳунармандӣ дорад. Дар В. Ун-т, музейҳои сафолот ва санъати нафиса (а. 18), боғи ботаникӣ мавҷуданд. Бисьёр ёдгориҳои асримиёнагӣ боқӣ мондаанд. В.-ро а. 2 то м. римиҳо буньёд кардаанд. Дар солҳои ҷанги граждании В. (аз нояб. 1936 то марти 1938) қароргоҳи ҳукумати республикачиён буд.

ВАЛЕ́НТ (лот. valentia — ҚУВВА), дар химия қобилияти банди химиявӣ ҳосил кардани атом. Адади диг. атомҳо дар молекула, ки бо атоми мазкур банд ҳосил мекунанд, ченаки миқдории В. қабул шудааст. Мас., фтор ба як атоми H, оксиген ба ду атоми H, нитроген ба се ва карбон ба чаҳор атоми H пайваст шуда, чунин пайвастҳо ҳосил мекунанд: HF, H_2O, NH_3 ва CH_4. Мафҳуми «В» с. 1853 (Э. Франкленд) барои тафсири ҳосил шудани бандҳо дар байни атомҳо ба вуҷуд омада, минбаъд якҷоя бо таълимот дар бораи табиати банди химиявӣ инкишоф ёфт. Ҷоришавии мафҳуми В. комьёбии бузурги

Ғ. Валаматзода дар роли Рачаб, аз балети А. Ленский «Ду гул»-и. Рақси ичрои «Салла» дар Ғ. Валаматзода.

химияи назарияви буд; В. дар ташаккули назарияи сохти химиявии А. М. Бутлеров (1861) роли муҳим бозид. Таълимот оид ба В. баъди кашфи қонуни даврии Д. И. Менделеев (1869) ва ихтирои электрон (1897) хеле инкишоф ёфт. Бо тараққиёти химияи синтезӣ ва усулҳои тадқиқоти сохту хосиятҳои моддаҳо як қатор типҳои нави бандҳои химиявӣ тадқиқ шудаанд, ки ба мазмуни қабулшудаи В. мувофиқ набуданд. Аз ин сабаб мазмуни В. чандин бор тағйир ёфт, аммо мафҳуми умумии он ба вуҷуд оварда нашуд. Ин баъзе химиконро маҷбур кард, ки аз ҷустуҷӯи мафҳуми умумии В. даст кашанд ва онро бо маҷмӯи мафҳумҳои маҳдуди конкретӣ ва дақиқ, ки типи муайяни таъсири мутақобилро инъикос мекунанд, иваз намоянд. Бо ин мақсад мафҳумҳои зерин қабул карда шудаанд: ковалентӣ (барои маънидод намудани қобилияти бандҳои ковалентӣ ҳосил кардани атом), ба адади электронҳои ҷуфтношудаи атомҳои дар бандҳосилкунӣ зарур баробар аст; гетеровалентӣ ё электровалентӣ ё валенти ионӣ (барои маънидод намудани қобилияти бандҳои ионӣ ҳосил кардани атом), ба адади электронҳои аз як атом ҷудошуда ё ба атоми диг. дохилшуда баробар аст; адади координационӣ (АК) (барои маънидод намудани ҳосилшавии *пайвастҳои комплексӣ*), ба адади атом, молекула ё ионҳои бевосита дар наздикии атоми марказӣ буда баробар аст; адади оксидшавӣ (АО) ё дараҷаи оксидшавӣ (мафҳум дар химияи ноорганикӣ, ки характери шартӣ дорад), ба заряди электростатӣ, ки шартан ба атом нисбат дода мешавад, баробар аст, мас., дар K_2SO_4 АОК = + 1, АОS = + 6 АОО = — 2 аст. Пайдоиш ва инкишофи *механикаи квантӣ* ва дар асоси он химияи квантӣ (нимаи 2-юми а. 20) дар инкишофи назарияи банди химиявӣ ва назарияи В. огози давраи нав гардид. Барои тасвири банди химиявӣ усули схемаҳои валентӣ (Ҷ. Слейтер, Л. Полинг, 1931) ва усули орбитаҳои молекулавӣ ё ОМ (Ф. Хунд, Р. Маллликен, Э. Хюккель ва диг., с-ҳои 30-юми а. 20), ки мафҳумҳои нави бо проблемаи В. зич алоқамандро истифода мебаранд, пешниҳод карда шудаанд. Дар усули схемаҳои валентӣ концепцияҳои В.-и самтӣ (тасдиқ мекунад, ки банди металл (М) бо неметалл (Х) дар молекулаҳои MX_n бо зиёдшавии зичии орбитаҳои атом устувор мешавад) ва ҳолати валенти атом (бо тип ва адади орбитаҳои атомии (ОА) валентии аз электрон пуршуда ва холӣ, гибридизация, адади электронҳо дар ОА ва ориентацияи спинҳои электронҳо муайян карда мешавад) эътиборноканд. Аммо, дар замони ҳозира усули ОМ, ки молекуларо маҷмӯи бандҳои том (бар хилофи усули схемаҳои валентӣ, ки мувофиқи он молекула маҷмӯи бандҳои алоҳида аст) мешуморад, усули як қадар қаноатбахш ва афзалиятнок шуморида мешавад. «В.» бо маъноии муқаррараш баҳснок аст, чунки дар усули ҳозираи ОМ штрихи валентӣ, валенти ададӣ, ҳолати валентӣ ва ғ. барин мафҳумҳо беэътибор шудаанд. Бо синтези пайвастҳои газҳои инертӣ оид ба идеяи В. зарбаи як қадар қатъӣ расонда шуд. Ҷустуҷӯи мазмуни ҳозираи В. аз нуқтаи назари назарияи квантию механикӣ идома дорад. Ниг. низ *Молекула*.

Ад.: Шусторович Е. М., Новое в учении о валентности, М., 1968; Сыркин Я. К., Периодическая система и проблема валентности, М., 1971.

Р. И. Бобохӯҷаев.

ВАЛИЕВ Ӯроқ (тав. 1912, деҳаи Қабодиёни раиони Қабодиён), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1948), Механизатори Хизматнишондодаи хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷ. (1958). Аъзои КПСС аз с. 1949. С. 1930 колхозчии к-зи «Қизил Тоҷикистон», с-ҳои 1931—41 трактор-чӣ, механики бригадаи трактории МТС-и Микоянободи р-ни Шаҳртуз, 1941—45 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 1945—67 механики МТС, к-зи ба номи Карл Маркс, иттиҳодияи «Сельхозтехника» ва аз с. 1967 челонгари Управлениями истифодаи роҳ (УИР № 8)-и р-ни Шаҳртуз. В. с-ҳои 1946—47 дар рӯёндани ҳосили фаровони пахтаи маҳиннах саҳми калон гузоштааст. Бо ордени Ленин, медальҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

ВАЛИЗОДА Саидалӣ (10. 10. 1900, деҳаи Чуқураки ҳозира р-ни Восеъ— 12. 12. 1971, Кӯлоб), шоир ва ҳофизи халқии тоҷик. Артисти Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1945), Ҳофизи Халқии РСС Тоҷ. (1960). Пеш аз революция чорьяккорӣ мекард. Баъди ғалабаи революция дар кори ташкил ва мустаҳкам намудани сохти колхозӣ фаъолона иштирок кардааст. Дар ибтидо чун ҳофиз маъруф гардида, матни бештари сурудҳояшро худаш менавишт. «Деҳқонони ҷабрдида» (1917) аз ҷумлаи аввалин сурудаҳои ӯст. Хусусан матни суруди «Ленин — бародар, раҳнамо» (1922) ба В. чун шоир шӯҳрат овард. Муборизаи ба

муқобили босмачиён ва боқимондаҳои замони кӯҳна, васфи сохти колхозӣ, бартариҳои ҳаёти социалистӣ — мундариҷаи ашъори с-ҳои 20 ва 30 В.-ро ташкил додаанд. Аз эҷодиёти давраиҷангии В. достони «Қаҳрамон Саидқул Турдиев» бештар шӯҳрат дорад. Дар эҷодиёти солҳои баъдиҷангии В. оҳангҳои халқӣ бештар бо анъана ва хусусиятҳои назми хаттӣ қаробат пайдо кардаанд. То имрӯз «Таронаҳо» (1949), «Нозими Ватан» (1953), «Дар водии меҳнат» (1955), «Ду додарон» (1960), «Шеърҳо ва достонҳо» (1965), «Ошиқи баҳор» (1970), «Чашмаи илҳом» (1971, тарҷумаи русии ашъори мунтахаб) барин китобҳои В. ба табъ расидаанд. Аз с. 1943 узви ИН СССР. В. бо 2 ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо, Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст.

С. Ҷалишев.

ВАЛИИ ДАШТИБАЁЗӢ ولی دشتبیاضی (с. тав. номаълум — ваф. 1590, Даштибаёзи Ноин), шоири форс-тоҷик. В. Д. аз донишмандони замони худ буда, девоне дорад дар ҳаҷми ду ҳазор байт, ки асосан аз ғазалу рубоӣ иборат аст. Ғазалҳои В. Д. матину намакин ва рубоиёташ ниҳоят санъаткоронаанд. Гузаштагон В. Д.-ро «камгӯи нагзгӯ» гуфтаанд, ки мутолиаи ашъори ӯ ин суханро собит мекунад.

А. Афсаҳзод.

ВАЛИМА. ниг. *Тӯи арӯсӣ*.

ВАЛИМУҲАММАД ولی محمد (с. тав. номаълум — ваф. 1611), хони Бухоро (1605—11) аз сулолаи *Аштархониён*. Баробари ба тахт нишастани бародараш *Боқимуҳаммад* В. волии Балх таъин шуд (1599). Баъди вафоти Боқимуҳаммад (1605) соҳиби тахти Бухоро гардид. Дере нагузашта феодалҳо бо мақсади ба тахт шинондани *Имомқулихон* ба муқобили В. суиқасд ташкил намуданд. В. аз ин фитна хабардор шуда, бо ду писараш ба дарбори шоҳи Эрон Аббос гурехт. Қувваи ҳарбӣ ҷамъ карда, ба Бухоро баргашт. В. дар ҷанги байни қӯшунҳои Эрон ва Имомқулихон (1611) асир афтод ва кушта шуд.

ВАЛИХОНОВ Чоқан Чингизович (1835, мавзеи Қушмурун, ҳоло р-ни Семиозёрный, вил. Кӯстанайи РСС Қаз. — 1865, мавзеи Олтинэмел, ҳоло дар вил. Талдиқурғони РСС Қаз.), олими қазоқ, маорифпарвари демократ, муаррих, этнограф, фольклоршинос ва рассом. Аз оилаи набераи хони қазоқ Аблай (1771—81). С. 1853 корпуси кадетии ш. Омскро хатм намуда, дар Генерал-губернатории Сибири Ғарбӣ хизмат кард. Дар як қатор экспедицияҳо ба Осиёи Миёна ва Хитой ишти-

рок дошт. С. 1858 В. зери ниқоби тоҷири мусулмон аз Тиёншон гузашта, дар Қошғар зиндагӣ кард ва оид ба этнографияи Туркистони Шарқӣ ва таърихи Олтишар материал ҷамъ намуд. С-ҳои 1860—61 дар Петербург зиндагӣ карда, бо ғояҳои революционерони демократи рус ва намояндагони интеллигенцияи пешқадами демократӣ аз наздик шинос шуд. В. аввалин рассоми қазоқ буд. Асарҳои илмӣ ва қайдҳои сафари худро бо миқдори зиёди расмҳо музайян сохтааст. Ба қалами В. инчунин мусаввараву акварельҳо («Қазоқҳои Ӯрдуи Калон», «Сартай аз авлоди Сарибоғиш» ва ғ.) тааллуқ доранд.

Фаъолияти илмии В. гуногунсоҳа буд. Ӯ оид ба таъриху маданияти халқҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Хитойи Ғарбӣ асарҳои пурарзиш боқӣ гузаштааст. «Очеркҳои Ҷунгария» (1861), «Қирғизҳо» (он вақт қазоқҳоро чунин меномиданд, 1958 нашр шудааст), «Аблай» (1861) ва ғ. аз ҷумлаи онҳоанд. В. аввалин бор як қисми достони «Манас»-ро аз даҳони халқ навишта гирифта ба русӣ тарҷума намуд. Навиштаҷоти В. оид ба хусусиятҳои санъати оҳинҳо (ҳофизони халқии қазоққову қирғизҳо), навъҳои суруд, оҳангҳои шеъри қазоқ хеле ҷолибанд. Достони эпикии халқии «Қози Кӯрпеш ва Баянсулу»-ро низ В. аз даҳони мардум навишта гирифтааст. В. худсарии феодалони қазоқ ва сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳиро маҳкум, қазоқҳоро ба истиқомати муқимӣ ва деҳқонӣ, дур андохтани қафомондагии иҷтимоию маданӣ, наздик шудан ба маданияти рус даъват менамуд, роли иртиҷоии динро фош мекард. В. роли маорифпарварӣ ва ислоҳоти ҷузъиро аз будаш зиёд дониста, гумон дошт, ки чорабиниҳои ҳукуматӣ барои дигаргунсозии ҳаёти авулҳои кӯчманчӣ мусоидат мекунанд. В. аз қайди фаҳмиши идеалистии ҳаёти ҷамъиятӣ берун наомада бошад ҳам, баланд бардоштани некӯаҳволии халқро мақсади олӣ ва начиби прогресси ҷамъиятӣ медонист. Ақидаҳои В.-ро Олтинсарин, Абай ва диг. маорифпарварони қазоқ инкишоф доданд.

Ад.: Забелин И. М., Чокан Валиханов, М., 1956; Сегизбаев О. А., Мировоззрение Ч. Валиханова, Алма-Ата, 1959. *А. Абдуманнонов.*

ВАЛИХОҶАЕВ Ботур (тав. 1. 4. 1932, Самарқанд), адабиётшиноси советии тоҷик ва ӯзбек. Доктори илми филология (1968), проф. (1971). Аъзои КПСС аз с. 1960. Омӯзишгоҳи педагогии тоҷикии Самарқанд (1947) ва фак-ти филологияи Ун-ти давлатии Узбекистонро хатм намудааст (1953). Фаъолияти илмиаш с. 1953 оғоз ёфтааст. В. тадқиқоти худро асосан ба омӯхтани таърихи адабиёти тоҷику ӯзбек, равобити адабии ин ду халқ ва масъалаҳои муҳимми назарияи адабиёт бахшидааст: «Аз таърихи нақди адабии ӯзбек дар асрҳои XV—XIX» (1964), «Анфоси асрҳо» (1970), «Аз таърихи назми эпикии ӯзбек» (1974), «Очилдимурод Мирӣ ва муосирони ӯ» (1977); мақолаҳои «Рӯдакӣ ва адабиёти ӯзбек», «Ҷомӣ ва адабиёти ӯзбек», «Бобур ва адабиёти тоҷик», «Навоӣ ва Сайфи Бухорӣ», «Ашъори тоҷикии Махмур», «Ҳамза ва адабиёти тоҷик», «Садриддин Айнӣ ва адабиёти ӯзбек» ва ғ. Инчунин барои пропагандаи адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон кӯшиш намуда, доир ба Абӯҳафси Суғдӣ, Хураймии Суғдӣ, Рӯдакӣ, Низомии Арӯзӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Коҳии Самарқандӣ, Мутрибӣ, Малеҳо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва дигарон мақолаҳо интишор намудааст. Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок. Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин» (1970) мукофотонида шудааст. *Ш. Шукуров.*

ВАЛИҶОНИ ТАБРЕЗӢ ولی‌جان تبریزی (с. тав. ва ваф. номаълум), мусаввири а. 16. В. Т. с. 1587 ба Истамбул рафта, яке аз мусаввирони соҳибмансаби дарбори султон Сулаймон мешавад. Асосан дар пайравии мактаби минётури Табрез эҷод намудааст. В. Т. бештар портретҳои минётурӣ офаридааст. Анвои рангро дар таҷассуми симо, сару либос ва манзараҳо моҳирона истифода бурдааст. Дар зери аксари суратҳои худ «амали Валиҷон» навиштааст.

ВАЛЛЕ́ТТА (Valletta) Л а-В а л л е т т а, пойтахти давлати Мальта. Дар соҳили шим. шарқии ҷаз. Мальта воқеъ аст. Маркази иқтисодӣ, савдо ва бандари асосии мамлакат, ки аҳамияти байналхалқӣ дорад. Иқлимаш баҳримиёнаазиминӣ — тобистон гарм ва хушк, зимистон парми серборишу. Аҳол. 14 ҳаз. наф. (1974). Верфи таъмири кištӣ, ун-т (аз с. 1592), музей ва китобхонаи миллӣ дорад. Дар В. харобаҳои истеҳкомҳои а. 16 ва ёдгориҳои меъмории а-ҳои 16—18, ибодатхонаҳои Сан-Ҷованни (1573—75), Иль-Ҷезу (авв. а. 17) ва Сан Ҷакомо (1710), китобхона (1786—96) ва ғ. боқӣ мондаанд. Маркази туризм ва курортҳост. В. с-ҳои 60-уми а. 16 буньёд ёфтааст.

ВАЛЛОНҲО́, халқест, ки тақрибан нисфи аҳолии Бельгияро ташкил медиҳад. Бештар аз 4 млн наф. (1974). Дар музофотҳои Эно, Намюр, Льеж ва Люксембург, инчунин дар шим. шарқи Франция, департаментҳои Нор ва Арденна зиндагӣ мекунанд. Ба шеваи валлонии забони франсавӣ гап мезананд. Диндорон католиканд. В. ба кори саноат ва чорводорӣ машғуланд. Ниг. низ *Бельгия.*

ВАЛТО́РНА (нем. Waldhorn—шайпур), асбоби мусиқии нафасии найчадор. Аввалҳо аз шох месохтанд. Аз шайпури шикорӣ пайдо шудааст. Аз дигар асбобҳои нафасии мисин бо тембри нозукаш фарқ мекунад. Танааш борики ҳалқашакл, ҷои садобароиаш (даҳонаш) махрутист. Найчааш дароз, борик ва қифмонанд. То миёнаи а. 18 В. дар оркестр кам истифода мешуд. Баъдтар В. ба гурӯҳи асбобҳои оркестри симфонӣ дохил карда шуд (дар оркестри хурд

то 4 В. ва дар оркестрҳои калони симфонӣ то 8 В.). В. дар ансамбльҳои камераві ва ҳамчун асбоби якканавозӣ низ истифода мешавад.

ВАЛЬПАРАЙСО (Valparaíso), шаҳр дар Чили, дар соҳили уқ. Ором. Аҳол. 289 ҳаз. наф. (1969). Маркази маъмурии музофоти Вальпараисо. Баъди Сантьяго дуюмин шаҳри сернуфусу саноатӣ ва калонтарин бандари мамлакат. Аз В. р. о. трансконтинентии Вальпараисо — Сантьяго — Буэнос-Айрес сар мешавад. Узели роҳҳои автомобильгард. Соҳаҳои саноаташ: коркарди металл, химия, саноати сабук, хӯрокворӣ. Ун-т, ин-ти политехникӣ, Академияи баҳрӣ дорад. В. с. 1536 буньёд ёфтааст.

ВАЛЬС (нем. Walzen, франс. valse — чарх задан), намуди рақси дукаса. Раққосон ҳангоми иҷрои он бо суръати миёна ё тез мавзунона чарх мезананд. Ин рақс дар нимаи дуюми а. 18 дар асоси рақсҳои халқии Австрия, Чехия ва Германия офарида шуда, а. 19 дар тамоми Европа машҳур гашт. Асосгузори В. бастакори австриягӣ Й. Ланнер буда, сипас ҳамватани ӯ бастакори машҳур И. Штраус ва писараш И. Штраус ин рақсро инкишоф дода, ба қуллаи баландаш расонданд. В. ҳоло дар опера, балет, оперетта, кино ҳамчун асари мустақили мусиқӣ васеъ истифода мешавад. Бастакорон Г. Берлиоз, П. Чайковский баъзе қисмҳои симфонияҳои худро дар асоси мусиқии В. эҷод кардаанд. В. дар мусиқии советии тоҷик низ мавқеъ дорад. Сурудҳои «Меҳарварам», (оҳанги Ф. Солиев), «Қадаҳи мо», (оҳанги З. Шаҳидӣ) дар ҳавои вальс эҷод шудаанд. Сюитаи симфонии Ш. Сайфиддинов «Зумрад» низ дар таркибаш вальс дорад. *Х. Абдуллоев.*

ВАЛЮ́ТА (итал. valuta, аз лот. valeo — меарзам), 1) воҳиди пул, ки асоси системаи пулиро ташкил медиҳад (мас., сӯм дар СССР, доллар дар ШМА). 2) Типи системаи пули (тиллоӣ, нуқрагӣ, коғазӣ ва ғ.). 3)

Аломатҳои пулии мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои кредитӣ ва пардохтӣ (вексель, чек), ки дар ҳисобукитоби байналхалқӣ истифода мешаванд. Ба капитализми ҳозираамон В.-ҳои ноустувор ва қурбашон пастшаванда хосанд (ниг. *Инфляция*). Мамлакатҳои капиталистӣ бо роҳи сунъӣ қурби номиналии тиллоии В.-и худро нигоҳ медоранд. Мас., дар ШМА нархи молҳо нисбат ба давраи пеш аз ҷангӣ 2,5 маротиба зиёд шуда бошад ҳам, қурби тиллоии доллар, ки с. 1934 муайян кардаанд (0,888671 г тиллои холис) нигоҳ дошта шудааст. Дар мамлакатҳои капиталистӣ В. баргарданда (конвертшаванда), қисман баргарданда ва барнагарданда мешавад. Дар мамлакатҳое, ки маҳдудияти валютӣ нест, В. ба пулҳои мамлакатҳои гуногун (доллари ШМА, франки Швейцария) иваз карда мешавад ва он баргарданда аст. Ба В.-и қисман баргарданда В.-и мамлакатҳои бештари Европа (Британияи Кабир, Франция, Италия, РФГ, Финляндия ва ғ.) мансубанд. В.-и мамлакатҳое, ки дар амалиёти ҳисобукитоби худ маҳдудияти валютӣ доранд барнагарданда аст. В.-и асосии мамлакатҳои капиталистӣ доллари ШМА ва фунт стерлинги Англия ҳисоб меёбад. В.-и СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ устувортарин В.-и дунёё буда, устувории он бо захираи тилло ва маҷмӯи моле, ки бо нархҳои планӣ ба муомилот дохил карда мешавад, таъмин мегардад. Ба ин тараққиёти аз бӯҳронҳо озоди хоҷагии халқ, муомилоти пулӣ ва гардиши мол, монополияи валютӣ ва ғ. кӯмак мерасонанд. Монополияи валютӣ дар СССР апр. 1918 ҷорӣ карда шуда, с. 1921 бо декрети махсус мустаҳкам карда шуд. Аз янв. 1961 сар карда қурби тиллоии сӯми советӣ аз 0,222168 г то 0,987412 г тиллои холис зиёд шуд.

Ад.: Валютные отношения во внешней торговле СССР, М., 1968; Стадниченко А. И., Валютные потрясения на Западе, М., 1968; Валюты стран мира. Справоч., М., 1970.

ВАМБЕ́РИ (Wambery) Арминий, Герман (1832—1913), этнограф ва сайёҳи венгер, аъзо-корр. АФ Венгрия (1861), проф. (1865). Бештар аз 20 забонҳои Европа ва Шарқро медонист. С. 1863 ҳамчун дарвеш ба Эрон, баъд ба Осиёи Миёна сафар кард. В. доир ба муҳити ҷуғрофӣ, таърих, муносибатҳои ичтимоӣ, ҳаёт ва маданияти халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон, махсусан оид ба тарзи заминдорӣ, ҳаёти ғуломон ва истифодаи онҳо дар х. қ., урфу одат, идҳо, ёдгориҳои меъмории Бухоро ва ғ. асарҳо навиштааст. Дар тадқиқоти В. доир ба забонҳои уйғурӣ, туркӣ ва тоторӣ маълумот ҳаст.

Ас.: Путешествие по Средней Азии, 2 изд., М., 1874; История Бохары или Трансоксании с древнейших времён до настоящего, СПБ, 1873. *А. Валиев.*

ВАМД, деҳа дар С. қ. Баҳррушон, р-ни Рушони ВАБК. Дар соҳили д. Панҷ, дар сари роҳи мошингарди Душанбе — Хоруғ воқеъ аст. Терр. с-зи «50-солагии Октябрь». Аз В. то маркази С. қ. 9 км, то район 18 км. Аҳол. 389 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, клуб, китобхона, пункти тиббӣ, 2 магазин ва нуқтаҳои хизмати маишӣ дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ, тамокукорӣ. Заминҳо аз чашма ва аз д. Панҷ обьёрӣ мешаванд.

ВАНАДАТҲО́И ТАБИ́ӢӢ, гуруҳи минералҳо, намакҳои кислотаи ванадий $H_3(VO_4)$. В. т. қариб 40 намуди минералҳоро дарбар гирифта, аксари онҳо камьёбанд. Паҳншудатаринашон инҳоанд: пухерит $Bi[VO_4]$ — ванадати оддии беоб; фольбортит $Cu_3[VO_4]_2 \cdot 3H_2O$, карнотит $K_2(UO_2)_2[VO_4]_2 \cdot 3H_2O$, тюямунит (туямуинит) $Ca(UO_2)_2[V_2O_8]_2 \cdot 8H_2O$, метахьюэттит $Ca[V_6O_{16}] \cdot 3H_2O$ — В. т. оддӣ ва мураккаби оби кристаллбаста дошта; *ванадинит* $Pb_5[VO_4]_3Cl$ ва деклуазит $Pb(Zn, Cu)[VO_4]OH$ — ванадатҳои анионҳои иловагӣ дошта.

Кристаллохимияи В. т. нағз омӯхта нашудааст. В. т. ба системаҳои гексагоналӣ, ромбӣ, моноклинӣ ва триклинӣ кристалл мебанданд. Одатан ба намуди хока, сафолак ва баъзан кристаллҳои мукаммал вомехӯранд. Аксар зард, сурх ё сурхи бӯртоб мешаванд. Сахтиашон 1—4; зичиашон 2500—7000 кг/м³. Аз рӯи генезис ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: ванадатҳое, ки дар зонаи оксидшавии конҳои сульфидӣ пайдо шудаанд (деклуазит, ванадинит, пухерит); ванадатҳои конҳои эпигенетии таҳшинӣ (карнотит, тюямунит, фольбортит ва ғ.), ки аз ҷинсҳои атрофашон дертар пайдо шудаанд. В. т. баъзан барои ҳосил кардани ванадий ва уран истифода мешаванд.

ВАНА́ДИЙ (лот. Vanadium), V, элементи химиявии гуруҳи V системаи даврии Менделеев, рақами ат. 23, массаи ат. 50,942. С. 1801 минералоги мексикой А. М. дель Рио дар таркиби маъдани сурб кашф намуд. Химики швед Н. Г. Сефстрём с. 1830 В.-ро дар маъдани оҳан ёфта, ба шарафи олиҳаи ҳусн Ванадис В. номид. В.-и табиӣ аз ду изотоп: ^{51}V (99,75%) ва ^{50}V (0,25%) иборат аст; радиоактивии ^{50}V кам аст. Дар қишри Замин В. $1,5 \cdot 10^{-2}$ % буда, дар таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ ва минералҳо васеъ паҳн шудааст. Аз минералҳои В. патронит, роскоэлит, деклуазит, карнотит, ванадинит ва баъзе диг. аҳамияти саноатӣ доранд. Маъданҳои титаномагнетит ва оҳани фосфоритдори таҳшинӣ, инчунин маъданҳои мису сурбу руҳдор манбаи асосии В. мебошанд. В. металли хокистарранги нуқратоби сахт ва ёзанда, t гуд. 1900 ± 25° С, t ҷӯш 3400° С, зичиаш 6110 кг/м³. Дар ҳарор. муқаррарӣ ба В. ҳаво, оби баҳр, маҳлули ишқорҳо таъсир намекунанд. Дар ҳарор. баланд (аз 700°С зиёд) В. бо нитроген нитриди ба таъсири об ва кислота устувор VN ва бо карбон карбиди сахти душворгудоз VC, ҳосил мекунад. Дар пайвастҳояш В. 2, 3, 4 ва 5 валента аст. Оксидҳояш VO ва V_2O_3 хосияти асосӣ, VO_2 амфотерӣ ва V_2O_5 хосияти кислотагӣ дорад. Дар вақтҳои охир як қатор пайвастҳои органикии В. (мас., пайвастҳои ароматӣ, намакҳои кислотаҳои органикии В. ва ғ.) ҳосил карда шудаанд. В.-ро асосан (то 95%) дар металлургияи сиёҳ истифода мебаранд. Хӯлаҳои ванадийдори оҳан, титан, ниобий, алюминий ва ғ.-ро дар саноати авиационӣ ва ракетасозӣ истифода мебаранд. В.-и металлии холис дар энергетикаи атомӣ ва истеҳсоли асбобҳои электронӣ, пайвастҳои В. дар саноати химиявӣ чун катализатор, дар х. қ. ва тиб, саноати шиша, сафолгарӣ, киноюсуратгирӣ ва ғ. истифода мешаванд. Пайвастҳои В. заҳрноканд.

В. Ф. Самойлова.

ВАНАДИНИ́Т, минерал, форм. химиявиаш $Pb_5(VO_4)_3Cl$. Кристаллҳояш хурди гексагоналию призмавӣ ва сӯзаншакл, баъзан борики мӯякмонанд. Дар намуди массаҳои хокамонанд ҳам дучор мешавад. Рангаш зард, сурх, бӯр. Сахтиаш 2,5—3; зичиаш 6500—7100 кг/м³. В. дар зонаи оксидшавии конҳои сурбу руҳ ва полиметаллии мисдор ба вуҷуд меояд. Аз В. ванадий ҳосил мекунанд.

ВАНА́НГ, 1) навдаи буридаи ток, ки баҳорон дар натиҷаи бо таъхир буридан як чанд рӯз ширашор (обрав) мешавад. 2) Тори антуровезӣ (барои хушкондан). 3) Шоридани шира аз ҷои бурида ё захмдоршудаи пояи растанӣ. В. ба фишори реша асос ёфтааст. В. дар растаниҳои алафӣ ҳангоми даври нашв ва дар дарахтон асосан баҳорон мушоҳида мешавад. В. хусусан рӯзона авҷ гирифта, дар растаниҳои алафӣ одатан якчанд шабонарӯз ва дарахтон то 40 шабонарӯз ва дар баъзе нахлу агаваҳои тропикӣ то якчанд моҳ давом мекунад.

ВАНВА́Н, деҳа дар С. қ. Рованд, р-ни Ванҷи ВАБК. Терр. с-зи «Съезди 20 партия». Аз В. то маркази С. к. 10 км, то район 70 км, роҳ мошингард. Аҳол. 197 наф. (1976), тоҷикон. В. дорои мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа мебошад. Соҳаҳои хоҷагӣ: чорводорӣ, обчакорӣ, боғдорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз д-чаи Ванван обьёрӣ мешаванд.

ВАН ВЭЙ, Мо-цзе (699 ё 701, Тайюань—759 ё 761, Сиань), шоир, рассом, хаттот ва мусиқинавози хитой. Шеърҳои аввалинаш («Духтараки лоянӣ», «Дар базми гулҳои довудӣ» ва ғ.) аз истеъдоди баланди ӯ шаҳодат медоданд. Яке аз асосгузорони ҷараёни «лирикаи пейзажӣ». В. В. тобишу рангҳои табиатро борикбинона ба силки шеър кашидааст («Лӯбиё-

ҳои сурх», «Пайраҳаҳои байни ақоқиёзор»). В. В. давлати идеалиро орзу кардааст. Муаллифи асарҳои таърихии «Бевазани князь Си», «Бань Цзе-юй» низ мебошад.

ВАНДАЛҲО, гурӯҳи қабилаҳои германҳои шарқӣ. Сараввал дар нимҷаз. Скандинавия зиндагӣ мекарданд. Охири а. 2 ва ибтидои а. 1 то м. ба соҳили ҷан. б. Балтика ва дар аввали а. 3 м. ба соҳили Дунай сокин шуданд. Ибтидои а. 5 қисми нимҷаз. Пиренейро ишғол карданд. С-ҳои 429—439 Африкаи Шимолиро забт карда, давлати худро барпо намуданд. С. 455 Римро хароб, бисьёр ёдгориҳои маданияти атиқаро нобуд карданд. С-ҳои 533—534 Византия давлати В.-ро забт кард. Як қисми В. ба ғуломӣ фурӯхта шуданд, боқимондаашон бо аҳолии Африкаи Шимолӣ омезиш ёфтанд.

ВАНКУВЕР (Vancouver), калонтарин ҷазира дар наздикии соҳилҳои ғарбии Америкаи Шимолӣ. Терр. Канада. Масоҳ. 32,2 ҳаз. км². Қариб тамоми ҷаз-ро кӯҳҳо ишғол кардаанд (баландиашон то 2200 м). Иқлимаш мӯътадили баҳрӣ (боришоти солона зиёда аз 2000 мм). Бо бешаҳои сӯзанбарг пӯшидааст. Конҳои антишт ва маъдани оҳан дорад. Моҳидорӣ, чӯбгарӣ ва х. қ. равнақ ёфтааст. В. ноҳияи туризм аст. Шаҳр ва бандари калонтаринаш — Виктория. Ҷаз-ро ба шарафи баҳрнаварди англис Ҷ. Ванкувер, ки онро с. 1792 кашф кардааст, номидаанд.

ВАНКУВЕР (Vancouver), шаҳри муҳими бандарӣ ва саноатӣ дар ҷан. ғарбии Канада, дар музофоти Колумбияи Британия. Аз ҷиҳати аҳолӣ баъд аз Монреал ва Торонто шаҳри сеюми мамлакат (1,2 млн наф. бо атрофаш, 1976). Ст. калони р. о. — истгоҳи охирини ду хати р. о. трансканадӣ. Ба воситаи В. ба хориҷа гандум, чӯбу тахта, моҳӣ ва металлҳои ранга мебароранд. Дар В. саноати чӯб, хӯрокворӣ, истеҳсоли маҳсулоти нефть ва киштисозӣ ривоҷ ёфтааст. Барои саноати ҷангал ва конҳо низ таҷҳизот бароварда мешавад. Ун-т, музей ва нигористон дорад. Соли буньёдаш 1886.

ВАНТ-ГОФФ (van't Hoff) Якоб Хендрик (30. 8. 1852, Роттердам—1. 3. 1911, Берлин), химики голланд, яке аз асосгузорони химияи физикаи ва стереохимия. Аз с. 1895 аъзо-корр. хориҷии АФ Петербург ва аз с. 1896 проф. Ун-ти Берлин ва аъзои АФ Пруссия. С-ҳои 1874—75 назарияи дар молекулаҳои органикӣ ҷойгиршавии фазоии атомҳоро кашф кард, ки он ҳоло асоси стереохимияро ташкил медиҳад.

Асарҳояш дар бораи кинетикаи химияви, термодинамикаи реакцияҳои химияви, маҳлулҳои сероб, мувозинати системаҳои обу намак баҳс мекунанд. Мафҳуми «маҳлули сахт»-ро ҷорӣ намудааст. Лауреати Мукофоти нобелӣ (1901).

ВАНТӮЗ (лот. ventosus — бодӣ), клапане, ки ҳавои ғулбаҳои водопроводро ба таври автоматӣ дур мекунад. В.-ро дар ҷойҳои ғуншавии ҳаво, одатан дар нуқтаи баландтарини хати ғулбаҳои об мешинонанд. В. дар системаҳои *гармкунӣ* низ татбиқ мешавад.

ВАН ФУ-ҶИ, Ван Чуань-шань (7. 10. 1619—18. 2. 1692), файласуфи материалисти Хитой, муаллифи асарҳои сершумор, иштирокчии муборизаи мусаллаҳонаи зидди истилогарони Манчурия. В. Ф.-Ҷ. абадияти материяро эътироф намуда, ба муқобили таълимоти *буддоия* роҳеҳ ба хаёлӣ будани олам мебаромад. Ӯ ҳамчун пайрави идеяи ҳаракат ва инкишофи мутлақи олам чунин ҳисоб мекард, ки чизҳо ба вуҷуд намеоянд ва барҳам намехӯранд, онҳо фақат «нопадид ва пайдо», «ҷамъ ва пароканда», «торик ва равшан» мешаванд. В. Ф.-Ҷ. назарияи «ҳар рӯз нав шудани табиати одамиро» ба вуҷуд овард. В. Ф.-Ҷ. феодализмро танқид карда, талаб менамуд, ки некию бадӣ дар ҷамъият баробар тақсим шаванд. Ин ақидаҳо барои Хитои а. 17 прогрессивӣ буданд.

ВАНҶЕТТИ Бартоломео (1888—1927), коргар-революционери америкой. Ниг. *Мурофиаи Сакко-Ванҷетти.*

ВАН ЧУН (27—104), файласуф-материалисти Хитой, атеист, муаллифи китоби «Мулоҳизоти танқидӣ» («Лунь хэн»). Аз рӯи ақидаи В. Ч. тамоми мавҷудот аз ҷавҳари моддӣ — нахустэфир (юань ци) ба вуҷуд омада, фарқи чизҳо ва гуногунии онҳо ба дараҷаи зичии аҷзои эфир вобаста аст. В. Ч. ба муқобили ҷаҳонбинии динӣ мубориза бурда, назарияи Сюнь-цзы ва даочиёни қадимро никишоф дода, мавҷудияти худованди само ва рӯҳҳоро рад мекард. Дар соҳаи иҷтимоию ахлоқӣ В. Ч. дар мавқеи фатализм буда, мақоми инсонро дар ҷамъият ба зичии эфир, ки ба одам ғӯё ҳангоми таваллудаш дода мешавад, вобаста мекард.

ВАНҚАЛЪА, деҳа, маркази С. к. Ванқалъа ва с-зи «50-солагии Помир», р-ни Шуғнони ВАБК. Дар соҳили чапи д. Ғунд воҳеъ аст. Аз назди деҳа роҳи калони Ӯш — Хоруг мегузарад. Аз В. то маркази район 93 км. Аҳол. 246 наф. (1976), тоҷикон. В. дорои мактаби миёна, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа мебошад. Соҳаи асосии хоҷагӣ—чорводорӣ. Сокинони деҳа аз оби д. Ғунд истифода мебаранд.

ВАНҶ, дарьё дар Помири Ғарбӣ, шохоби рости д. Панҷ. В. аз қ-кӯҳи Академияи Фанҳо сар шуда, дар водии чуқури байни қ-кӯҳҳои Дарвозу Ванҷ ҷорӣ мешавад. Болооб (то ҳамроҳ шудани д-чаи Кашолаяк) Абдуқаҳҳор ном дорад. Тӯлаш 103 км. Масоҳ. ҳавзааш 2070 км². Дар саргаҳи В. пирьяхҳои калони Ҷамъияти географӣ, Хирсон, Абдуқаҳҳор ва Дӯстироз воҳеъ гаштаанд. Манбаи дарьё — пирьяху барф. Давраи серобиаш аз нимаи апр. то охири окт. Сарфи миёнаи солонаи об — 49,4 м³/сон.; максималиаш — 278 м³/сон., минималии он — 10—15 м³/сон. Зимистон ях намебандад. Ширмоҳӣ дорад. Дар назди резишгоҳи дарьё ГЭС-и Ванҷ ва станцияи обуҳавосанҷии Хумро буньёд ёфтаанд.

Ю. С. Усков.

ВАНҶ, қаторкӯҳ дар Помири Ғарбӣ (ВАБК). Аз интиҳои ҷанубии қ-кӯҳи Академияи Фанҳо то д. Панҷ, байни водиҳои Ванҷу Язгулом, ба масофаи тақрибан 85 км тӯл кашидааст. Бараш — то 15 км. Баландиаш ба ҳисоби миёна 4500—5000 м, нуқтаи баландтаринаш қуллаи Язгулом (5584 м). Асосан аз гранит, регсанг ва конгломератҳои эраи палеозой таркиб ёфтааст. Нишебаҳои В. ростфаромада, онҳоро дараҳои бисьёре буридаанд. Дар нишебаҳо дарахтони арча, буттаҳои насрину дӯлона меруянд. Аз 4000 м болотар пирьяхҳо вомехӯранд (масоҳ. умумиашон 164 км²).

О. Е. Агаханянц.

ВАНҶ, чашмаи гарм дар Помири Ғарбӣ (ВАБК). Дар соҳили чапи д. Ванҷ, 57 км болотар аз резишгоҳи он ба д. Панҷ воҳеъ аст. Дар таркибаш ионҳои сульфат, хлор, натрий, кальций, магний, инчунин кислотаи силикат дорад. Дебиташ 2,3 л/сон. Ҳарор. 22° С; дар 1 л 1,8 г намакҳои минералӣ ҳаст.

Н. М. Чуршина.

ВАНҶ, район дар Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳии РСС Тоҷ. 29. 5. 1933 ташкил шудааст. Дар Помири Ғарбӣ, байни қ-кӯҳҳои Дарвоз ва Язгулом воҳеъ аст. Дар Ғ. бо Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Аз маркази район то ш. Хоруг 171 км, то ш. Душанбе 387 км. Масоҳ. 4,43 ҳаз. км². Аҳол. 14,8 ҳаз. наф. (1976), тоҷикон, инчунин русҳо. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 3—4 наф. Р-ни В. ба 5 С. қ.: Водхуд, Жовид, Рованд, Язгулом, Техарв тақсим шудааст. Марказаш — пос. Ванҷ.

В. районӣ кӯҳсор буда, терр. онро нишебаҳои ҷан. шарқии қ-кӯҳи Дарвоз (қисми шим. шарқии он), қ-кӯҳи Ванҷ ва нишебаҳои шим. ғарбии қ-кӯҳи Язгулом ишғол кардаанд. Нуқтаи баландтарин—6083 м (қ. Арнавад дар қ-кӯҳи Дарвоз), пасттарин — 1400 м (водии д. Панҷ, назди деҳаи Бунига). Сарватҳои зеризамини: асбест, молибден, мармар ва ғ. Д-ҳои калонтаринаш Ванҷ, Язгулом ва Панҷ. Иқлими район континентӣ; тобистон гарми беборишу, зимистон хунуки камбарф. Ҳарор. ми-

ёнаи июль 20°—24° С, янв. аз —8° С то —4°С, тобистон кӯҳҳо салқин (июль 8°—16° С), зимистон хушк (янв. аз —12° то —20° С). Боришоти солона 200—300 мм. Хоки водиҳо ҷигарранг, чимтолӣ; хоки кӯҳҳо ва ни-

РАЙОНИ ВАНҶ
20 0 20 км
Ҳ А Т Т О Р К Ӯ Х И Д А Р В О З
Ҳ А Т Т О Р К Ӯ Х И В А Н Ҷ
Ҳ А Т Т О Р К Ӯ Х И Я З Г У Л О М
Ҳ А Т Т О Р К Ӯ Х И
Сунгат
Ромаҳ
Тедорм
Бунаҳо
Ванҷ
Ҳ. Ҳ. Ҳ.
Ҳ. Ҳ. Ҳ.
Ҳ. Ҳ. Ҳ.

карда мешуд. Муҳаммад Наршаҳӣ менависад, ки В.-ро Буниёт ибни Туғшод аз нав мустаҳкам кард, вале дар натиҷаи ҳуҷуми арабҳо шаҳр вайрон ва худи ӯ ба қатл расонда шуд. Дар асарҳои кишваршиносони а. 10 Мақдисӣ ва Ибни Ҳавқал низ В. зикр ёфта, маҳалли ҷойгиршавии он байни роҳи тиҷоратии Бухоро ва Хоразм нишон дода шудааст. Дар В. боқимондаи қасри бухорхудотҳои Бухоро (11 × 15 м), толори сурх (7,85 × 12 м), айвон, ибодатгоҳ ва ғ. кушода шудаанд, ки дар бораи санъати меъморӣ ва биносозии он давра маълумот медиҳад. Тасвирҳои рӯи девори В. ба а-ҳои 5—7 мансубанд. Дар деворҳои В. нақшҳои гуногун акс ёфтаанд: филсаворон ва ҳуҷуми ҳайвонҳои ваҳшӣ ба онҳо, ҳайвонҳои гуногуни афсонавӣ, ҷанговарон, наздикони худро қабул кардани шоҳ ва ғ., ки қисми зиёди онҳо дар натиҷаи ҳуҷуми арабҳо нобуд шудаанд. Шоҳ бо оилааш ва аҳли дарбор дар атрофи оташдони муқаддас бо сару либоси зебои қиматбаҳо дар даст косаҳои тиллоӣ нишастаанд. Оташро гирондани шоҳ нишонаи маросимҳои динӣ буда, ҳукмрони даҳрӣ ва динӣ будани ӯро нишон медиҳад. Дар мусавваръаҳои девори В. ҳаётӣ иҷтимоию сиёсии он давра то ҳадде акс ёфтааст. В. барои омӯзиши таърих, санъат, ҳаёт ва маданияти халқҳои тоҷику ӯзбек маълумоти гаронбаҳо дод. Ниг. низ *Куҳандиз*.

Ад.: Шишкин В. А., Варахша, М., 1963; Наршахий М., Бухоро тарихи, Тошкент, 1966. *Ф. Абдуллоев.*

ВАРАҚАИ БЕМОРӢ, ҳуҷҷате, ки корношоямии муваққатии коргарон, хизматчиён, колхозчиёнро тасдиқ мекунад ва дар давраи муваққатан кор накардан ба ҳаҷгирӣ ҳуқуқ медиҳад. Тартиби додани В. б. дар дастуруламали ВЦСПС ва Комиссариати Халқии тандурустии СССР, ки СКХ-и СССР аз 14 авг. 1937 (бо тағйирот ва иловаҳои минбаъда) тасдиқ карда буд, муқаррар шудааст. В. б.-ро танҳо духтур аз рӯзи тасдиқи корношоямии муваққатӣ ҳангоми беморӣ на зиёда аз 3 рӯз ва дар зарурат боз 3 рӯзи дигар — ҷамъ ба муддати 6 рӯз медиҳад. Беш аз ин мӯҳлати В. б. танҳо бо ризоияти сардухтур ё комиссияи машваратии тиббӣ (КМТ) давом дода мешавад.

В. б. инчунин ҳангоми ҳомила ва таваллуд, табобати курортӣ ва санаторӣ, парастории бемори аъзои оила (ба муддати то 3 рӯз) дода мешавад. Аз 1 дек. 1974 дар районҳои мамлакат тартиб додани В. б. ҳангоми парастории кӯдаки бемор, парастории кӯдаки то 7-сола (ба муддати то 10 рӯз) ва то 14-сола (ба муддати то 7 рӯз) ҷорӣ шудааст.

ВАРАҚАИ ИҶРО, дар СССР ҳуҷҷатест, ки дар асоси он иҷрои ҳалномаҳо, ҳукмҳо, таъинот ва қарордоди судҳо, созишномаҳои оштишавии байналхалқӣ, ки судҳо тасдиқ кардаанд, қарори судҳои рафиқона, қарори судҳои ҳакамӣ оид ба баҳсҳои байни гражданҳо, ҳукмҳои ҷамъиятӣ, қарорҳои Комиссияи арбитражи савдои берунӣ ва арбитражҳои махсус, ки барои муҳокимаи корҳои ҷудогона ташкил шудаанд, қарори судҳои хориҷӣ амалӣ мегардад.

ВАРАҚАИ МЁБИУС, сатҳе, ки дар натиҷаи часпондани ду тарафи муқобили росткунҷаи $ABB'A'$ (нуқтаҳои





Сохти варақаи Мёбиус: *а* — росткунҷа; *б* — варақаи Мёбиус.

A ва B-ро мувофиқан бо нуқтаҳои B' ва A') ҳосил мешавад.

В. М.-ро математикҳои немис А. Мёбиус ва И. Листинг чун мисоли сатҳи якрӯя муоина кардаанд. Аз нуқтаи назари топология В. М. сатҳи ориентациянашавандаест, ки характеристикаи эйлерии он ба ноль баробар буда, бо як хати сарбаста маҳдуд мебошад.

ВАРАҚСАНГ, ҷинсҳои кӯҳие, ки минералҳои таркиби онҳо дарозрӯя ё худ варақ-варақ буда, қариб мутавозӣ ҷой гирифтаанд ва ҳангоми пора кардан ба варақҳои тунук тақсим мешаванд. В. аз рӯи дарачаи метаморфизм ба ду гурӯҳи калон тақсим мешавад: В.-ҳои гилӣ асосан аз минералҳои гилӣ, гидроабрақ ё баъзан аз монтмориллонитҳо иборат буда, таркиби аввалаи онҳо чандон тағйир наёфтаанд. В.-ҳои кристаллӣ ҷинсҳои кӯҳии ба куллӣ тағйирёфтае мебошанд, ки таркибан гуногунанд: В.-и абрақӣ, хлоритӣ, талқӣ, силлиманитӣ ва ғ. Аз гилҳое, ки моддаҳои органикӣ доранд, ҳангоми процессҳои метаморфизм баъзан В.-ҳои сӯзанда, бомпӯшӣ, графитӣ ва ғ. ҳосил мешаванд. В.-и гилии ғафсиаш 0,5—1 см ҳамчун масолеҳи бомпӯшӣ истифода мешавад. В.-и кристаллии ба гнейсҳо наздикро ба сифати масолеҳи бинокорӣ ва ашъёи хоми оташтобовар кор мефармоянд. *М. Ҷанобилов.*

ВАРАҶА, безгак, гурӯҳи беморӣҳои ба ҳамдигар наздик, ки организмҳои якҳуҷайра — *плазмодияҳо* меангезонанд ва ба воситаи пашшаҳои варача паҳн мешаванд. В. дар аксари ноҳияҳои Африка, Осиё ва Америкаи Ҷанубӣ вомехӯрад. Дар организми одам 4 хели ангезанда (плазмодия)-ҳои В.: серӯза (Plasmolium vivax), чорӯза (P. malariae), тропикӣ (P. falciparum), овале (P. ovale) паразитӣ мекунанд. Паразити варача ду давраи афзоиш (ҷинсӣ ва ғайриҷинсӣ)-ро аз сар мегузаронад. Вай ҳангоми маккидани хуни бемор ё шахси плазмодиядор ба организми пашшаи варача дохил шуда, давраи афзоиши ҷинсиро мегузаронад. Дар охири ин давра плазмодияҳои навзод (спорозоитҳо) ба ғадуди луобии пашша медароянд. Баъди одамро газидани пашшаи варача спорозоитҳо ба хун ва аз хун ба ҷигар гузашта, дар он ҷо бо роҳи ғайриҷинсӣ афзоиш мекунанд. Бо ҳамин давраи ноаён (инкубациони)-и беморӣ ба охир мерасад. Ин давра дар В.-и серӯза 7—21 шабонарӯз, дар В.-и чорӯза 21—42 шабонарӯз, дар В.-и тропикӣ 9—16 рӯз ва дар В.-и овале 10—20 шабонарӯз давом мекунад. Баъд аз ин табларза хуруҷ мекунад, таби бемор баланд шуда ӯро ларза мегирад ва арақ пахш мекунад. Хуруҷҳо дар ҳолатҳои муқаррарӣ ҳангоми В.-и серӯза ва В.-и овале баъд аз як шабонарӯз, ҳангоми В.-и чорӯза баъд аз 2 шабонарӯз, ҳангоми В.-и тропикии на он қадар шадид баъд аз як шабонарӯз ва ҳангоми В.-и тропикии шадид ҳарорати бадан нормалӣ бошад ҳам, баъд аз 24—36 соат такрор мешаванд. Дар беморони В. дарди сар, мушак ва бандҳо, васеъ шудани испурч, ҷигар ва камхунӣ мушоҳида карда мешаванд.

Муолиҷа: истифодаи доруҳои зидди В.: хлорохин (делагил ва ғ.), акрихин, хлоридин, хинин, хиноцид, примахин ва ғ. Дар СССР мубориза бо В. кори давлатӣ аст. Бинобар он станция ва ин-тҳои тахассусии зидди В. ташкил карда шуда буд. Аз ин рӯ В. дар СССР амалан нест карда шудааст. То Рев. Октябрь дар РСС Тоҷ. В. бемории паҳншудатарин буд. Минбаъд танҳо с. 1932 як бор мушоҳида шуда буд. В. дар ҳудуди республика с. 1960 тамоман барҳам дода шуд. *Е. С. Калмыков.*

ВАРВАРИЗМҲО (юн. barbarismos), калимаю ибораҳои хориҷие, ки дар гуфтугӯи ягон халқ истифода мешаванд. В. дар осори адабиёти бадеӣ, одатан барои ифодаи исмҳои хос, воҳидҳои пулӣ, мансабу унвон, ҷузъиёти маишат, сарулибос, таом, инчунин барои афзудани таъсири мутоибавӣ ҳамчун воситаи услубӣ ба кор бурда мешаванд. *М. Муҳаммадиев.*

ВАРГА Евгений Самуилович (6. 11. 1879, Будапешт — 7. 10. 1964, Москва), иқтисодчии советӣ, арбоби ҳаракати байналхалқии коммунистӣ, акад. АФ СССР (1939). Аъзои КПСС аз с. 1920. В. дар вақти студенти Ун-ти Будапешт будани худ дар ҳаракати революционии Австро-Венгрия ва Германия иштирок кардааст. С. 1906 ба сафи партияи с.-д.-и Венгрия дохил гардид. С. 1909 ӯ соҳиби унвони дох-

тори илмҳои фалсафа гашт. Аз с. 1918 дар Ун-ти Будапешт проф. фанни иқтисоди сиёсӣ буд. Ӯ дар ҳайати ҳукумати Республикаи Советии Венгрия вазифаи Комиссари халқии молия, баъдтар раиси Совети Олии хоҷагии халқро ичро кард. С. 1919 баъди шикаст хӯрдани революцияи пролетарии Венгрия ба СССР ҳиҷрат кард. В. борҳо бо В. И. Ленин мулоқот кардааст. В. с-ҳои 1927—47 роҳбари Ин-ти хоҷагии ҷаҳонӣ ва сиёсати ҷаҳонии АФ СССР, аъзои Президиуми АФ СССР, сармуҳаррири журнали «Мировое хозяйство и мировая политика» буд. Бо 3 ордени Ленин ва ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

ВАРДОНА́, Вардана, Вардонзӣ, давлати хурди феодалӣ, ки охири а. 7 ва ибтидои а. 8 дар қисми Шимолу Ғарби воҳаи ҳозираи Бухоро вуҷуд дошт. Дар р-ни Шофиркоми вил. Бухоро димнае (харобае) машҳур бо номи «Қӯрғони Вардонзӣ» воқеъ аст. Аз рӯи маълумоти Наршахӣ В. назар ба Бухоро қадимтар буда, онро Шопур буньёд кардааст. Ҳафтае як маротиба дар В. бозор барпо гашта, савдо хеле ривоҷу равнаق ёфта будааст. Матоъ ва маснуоти биринҷии В. ба вилоятҳои дигар бурда мешуданд. Дар В. то ҳол пурра ҳафриёт гузаронида нашудааст, аммо бино ба маъхазҳои мавҷуда вай дар а. 6 хеле тараққӣ карда, дар арафаи ҳуҷуми арабҳо (авв. а. 8) аз Бухоро ҷудо шуда, пойтахти подшоҳии алоҳида будааст. Бино ба маълумоти Наршахӣ ба Қутайба ибни Муслим гирифтани В. танҳо баъд аз бо макру фиреб куштани ҳокими охирини В.— Вардонхудот, ки шахси шуҷоъ ва кордон буд, муяссар шуд. Арабҳо баъди Бухороро забт кардан, В.-ро ба бухорхудотҳо тобеъ кунонданд. Дар а. 10 В. ободу зебо буд. Дар ҳамон давра байни воҳаи Бухоро ва Қазоқистону Сибирь алоқаи зич мавҷуд буд, ки дар ин бобат В. роли таъриҳӣ бозидааст. Дар натиҷаи тадқиқоти археологӣ ва этнографӣ маълум шуд, ки В. то охирҳои а. 19 яке аз шаҳрчаҳои тиҷоратию ҳунармандӣ будааст. Ҳоло дар димнаҳои В. тадқиқоти илмӣ идома дорад, ки ба равшан намудани мавқеи сиёсию иқтисодии В. дар асрҳои миёна имкон медиҳад. *Х. Набиев.*

ВАРДӮ́Ч, деҳа дар С. қ. Қазноки р-ни Ғарми РСС Тоҷ. Терр. с-зи ба номи Горький. Аз В. то маркази С. қ. 2 км, то район 14 км, роҳ асфальт. Аҳол. 313 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, магазин, китобхона ва чойхона дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — чорводорӣ, тамокукорӣ, картошкакорӣ ва кирмакдорӣ. Заминҳо аз оби чашмаи Добег обьёрӣ мешаванд.

ВАРЗИМАНО́Р, номи пештараи пос. *Айнӣ* — маркази р-ни Айнӣ.

ВАРЗИ́ШИ ШИФОЙ́, усули муолиҷа, бо машқҳои ҷисмонӣ ва омилҳои табиат зудтар барқарор намудани саломатӣ, коршоямӣ ва пешгирии бодиеморӣ. В. ш. меъёри муайян дорад; машқҳои он умумӣ ва махсус мешаванд. Мақсади машқҳои умумӣ беҳдошт ва умуман мустаҳкам намудани организм. Бо машқҳои махсус функцияи узвҳое, ки дар натиҷаи беморӣ ё ҷароҳат зарар дидаанд, барқарор карда мешавад. В. ш. машқҳои гимнастикӣ, роҳравӣ, шиноварӣ, заврақронӣ ва ғ.-ро дарбар мегирад. В. ш. барои муолиҷаи беморони бистарӣ ва серҳаракат шудани кӯдакони навраси бемор таъин карда мешавад. В. ш. организми одами солхӯрдаро пурқувват карда, аз пиршавии бармаҳал нигоҳ медорад. Бо В. ш. бемориҳои дарунӣ, алалхусус бемориҳои дилу рагҳо, узвҳои нафас, иллатҳои асаб, зарбу лати дасту по, миёну гардан, қафаси сина ва ғ. ғабобат карда мешавад.

ВАРЗО́Б, дарьё дар ғарби РСС Тоҷ., шохоби рости д. Кофарниҳон. Аз як шудани д-ҳои Зиддӣ ва Майхӯра, ки оби худро аз нишебаҳои ҷануби қ-кӯҳи Ҳисор мегиранд, ба вуҷуд меояд. Тӯлаш аз андароби ин дарьёҳо — 71 км, аз саргаҳи д. Зиддӣ — 96 км. Масоҳ. ҳавзааш — 1740 км². Дарьё аз дараи Варзоб берун омада, баъд аз байни ш. Душанбе мегузарад. Поённоби дарьёро, аз ҷои якшавии д. Лучоб то охир, Душанбе низ меномад. Манбааш — пирьях ва барф. Давраи серобиаш март-сент. (дар июнь-июль 500 м³/сон), камобиаш дек.-февр. (12—14 м³/сон.). Сарфи миёнаи солонаи об 53,5 м³/сон. (ш. Душанбе). Баҳорон баъзан обхезиҳо рӯй медиҳанд. Шохобҳои асосиаш: Симоба (Сиёма), Хоҷаобигарм, Обичаккон, Такоб, Оҷуқ, Харангон ва Лучоб. Ширмоҳӣ, гулмоҳӣ ва лаққамоҳӣ дорад. Аз оби он 3 ГЭС кор мекунад. Оби дарьё бо Канали Калони Ҳисор ба заминҳои кишти р-нҳои Ленин, Ҳисор, Регар ва қисман ба р-ни Деҳнави вил. Сурхондарьёи РСС Ӯзб. тақсим мешавад. *Ю. С. Усков.*

ВАРЗО́Б, дара дар қисми ғарбии РСС Тоҷ.; нишебаи ҷанубии қ-кӯҳи Ҳисорро аз Шим. ба Ҷ. бурида гузаштааст. Тӯли дара зиёда аз 50 км, бараш аз 100—120 то 500—700 м. Аз он д. Варзоб ҷорист. Аз боло ба поёни дара рельефи баландкӯҳ тадриҷан ба миёнакӯҳ ва баъд ба доманакӯҳ иваз мешавад. Баландии нисбии теғаи кӯҳҳо то ба 1500 м мерасад. Иқлими дара континентии мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв. дар қисми миёнакӯҳ аз—1° то—7° С, баландкӯҳ — 11,1° С, июль мувофиқан 24,2° С ва 9,7°С. Боришоти солона 1600—1800 мм; давраи серборишнояб.—июнь. Аз дараҳои хушманзараи Тоҷикистон ва

Хонаи истироҳати «Пуғуз» дар дараи Варзоб.

ҷои истироҳати сокинони пойтахт аст. Дар баландии 1800 м курорти *Хоҷаобигарм*, поёнтар лагерьҳои пионерӣ, хонаҳои истироҳат, базаи лижаронӣ (дар пуштакӯҳҳои Хоҷаобигарм ва Такоб), инчунин корхонаю муассисаҳои гуногун — комб. маъданҳозакунии Такоб, кони флюорити Кондара, станцияи ботаникии Кондараи АФ РСС Тоҷ., станцияи гидрометеорологии Ҳушьёрӣ, станцияи зидди тармаи Майхӯра ва ғ. воқеанд. В. дараи сераҳолист, махсусан қисми поёнаш. Маҳалҳои калони аҳолинишин: Калон (Зиддӣ), Такоб, Ҳушьёрӣ, Кондара, Варзоб. *Ю. С. Усков.*

ВАРЗО́Б (то нояб. 1959 Оби Оҷуқ), посёлка, маркази С. қ. Варзобқалъаи, р-ни Ленини РСС Тоҷ., дар сари роҳи мошингарди Душанбе — Ленинобод. Аз В. то маркази район 43 км. Аҳол. 803 наф. (1976), тоҷикон. В. мактаби миёна, клуб, китобхона, хонаи пионерон, комб. хизмати маишӣ, касалхона, дорухона, шӯъбаи алоқа, боғчаи бачаҳо, ресторани «Насими кӯҳсор», лагери пионерӣ, чойхона, нонвойхона, универмаг, кассаи амонатӣ ва магазинҳои китоб, асбобҳои рӯзгор, хӯрокворӣ, молҳои маданӣ, сабзавот дорад. Дар В. шӯъбаи идораи коммуналии район, ҷамъияти матлубот ва хоҷагии ҷангали Варзоб воқеанд. Соҳаи хоҷагӣ — ҷангалпарварӣ.

«ВАРЗОБИ НАВ», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои меҳнаткашони р-ни Варзоб. Аз с. 1934 то 1959 бо тиражи 2100 нусха ба забони тоҷикӣ ҳафтае се бор чоп мешуд. С. 1959 чопаш қатъ гардид.

ВАРИА́ТОР, механизм барои ҳамвор (безина) тағьир додани адади таҳвил байни ҳаракатовар ва механизми иҷроия. Характеристикаи асосии В. диапазони таъзим (нисбати қимати калонтарини адади таҳвил ба қимати хурдтарини он) мебошад, ки одатан ба 3—6 баробар буда, баъзан то ба 16 мерасад. В. дар шароити гуногун режими оптималии суръати мошинро таъмин мекунад. Он дар

дастгоҳу мошин ва механизмҳои саноати бофандагӣ, коғаз ва химия, дар нақлиёт, инчунин дар автоматизатсияи процессҳои истеҳсолӣ васеъ татбиқ мешавад. В.-ҳои фрикционӣ бештар, В.-ҳои гидравликӣ нисбатан кам истифода мешаванд.

ВАРИАЦИЯҲО (аз лот. variatio — дигаргунсозӣ), шакли мусиқие, ки дар он мавзӯи асосӣ дар чанд намуд ичро мешавад. Ифодаи «мавзӯъ бо В.» аз ҳамин ҷост. В. дар мусиқӣ ҳамчун асари мустақил ва ё қисми ягон асари калон (соната, симфония ва ғ.) вомехӯрад. В. дар асоси оҳангҳои оригиналӣ ё халқӣ (вариацияҳои Ҷ. Охунов барои фортепиано дар асоси оҳанги халқии тоҷикии «Духтари ҳиротӣ») таҳия мегарданд. В. дар мусиқии классикии тоҷик — *«Шашмақом»* васеъ истифода шудааст. *Х. Абдуллоев.*

ВАРИОМЕТР (лот. vario — тағйир медиҳам ва *метр*), 1) В.-и авиационӣ, асбоби пилотажию навигационӣ барои чен кардани суръати баландшавӣ, пастшавӣ ва нишон додани горизонталӣ будани парвози самолёт. В.-и авиационӣ манометри дифференциалии ҳассосест, ки қуттичаи он тавассути найчаи капиллярӣ бо атмосфера марбут аст. В. фарқи фишори атмосфера ва фишори ҳавои дохили қуттичаро чен мекунад. Фарқи фишорҳо ба тағйири баландии парвоз вобаста аст, яъне он нишон медиҳад, ки самолёт дар 1 сон. чанд метр паст ё баланд мешавад. Агар самолёт горизонталӣ (дар баландии доимӣ) парвоз намояд, фарқи фишорҳо ба 0 баробар мешавад. Шкалаи В.-ҳои ватанӣ бо воҳидҳои суръат (аз 0 то 30 м/сон ё аз 0 то 75 м/сон) дараҷанок кунонда шудааст; 2) В.-и радиотехникӣ, ғалтаки индуктивияташ тағйирёбандаест, ки барои танзими контури лаппиш таъин шудааст. В.-и радиотехникӣ аз ғалтаки дохилӣ ва берунӣ иборат буда, ба занҷир пай дар пай пайваст мешавад; дар натиҷаи нисбат ба ғалтаки берунӣ (сокин) ҷой иваз кардани ғалтаки дохилӣ (мутаҳаррик) индуктивият мунтазам тағйир меёбад; 3) В.-и гравитационӣ, асбобест барои чен кардани тағйирёбии тезшавии афтиши озод дар самти горизонталӣ ва чен кардани каҷии сатҳҳои дорои потенциали якхелаи қувваи вазнинӣ. Дар сейсмология ва гравиметрия истифода мешавад; 4) В.-и магнитӣ, асбобест барои чен кардани тағйирёбии майдони магнитӣ вобаста ба вақт (вариацияҳои магнитӣ). В.-и магнитӣ стационарӣ (барои истифода дар расадхонаҳои магнитӣ) ва сайёр (барои истифода дар корҳои ҷустуҷӯи магнитӣ) мешавад.

ВАРЛЕН (Varlin) Луи Эжен (5.10. 1839, Кле-Суйи — 28.5.1871, Париж), ходими ҳаракати коргарии Франция, яке аз ташкилотчиён ва роҳбарони

Варшава. Кӯчаи Маршалковский.

секцияҳои парижии Интернационали I, прудончии чап. Саҳҳоф. Вакили конференцияи Лондон (1865), конгрессҳои Женева (1866) ва Базель (1869)-и Интернационал. Сардори иттифоқи касабаи саҳҳофони Париж. Аз с. 1870 раиси Федерацияи парижии Интернационал. Яке аз роҳбарони шӯриши 18 марти 1871; аъзои Коммунаи Париж. Дар рӯзҳои «Ҳафтаи май» ба мудофиаи округҳои 6 ва 11-ум роҳбарӣ кард. Ӯро версальчиён парронданд.

ВАРНА, шаҳр ва бандар дар Булғория, дар соҳили Баҳри Сиёҳ. Маркази маъмурии округи Варна. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ дар мамлакат сеюмин шаҳр аст (200 ҳаз. наф., 1970). Узели нақлиёти дорои аҳамияти байналхалқӣ. Маркази муҳими иқтисодӣ, киштигардӣ ва алоқаи савдои берунӣ. Қариб $^1/_2$ ҳиссаи бори баҳрии мамлакат аз бандари В. мегузарад. Дар В. корхонаҳои киштисозию таъмири киштӣ, мошинсозӣ, саноати бофандагӣ ва хӯроквори мавҷуданд. Мӯҳидорӣ низ ривоҷ ёфтааст. В. дорои ин-тҳои хоҷагии халқ, электротехникӣ, тиббӣ, Омӯзишгоҳи олии баҳрӣ, Ин-ти тадқиқоти илмии океанографӣ ва хоҷагии моҳидорӣ, музейҳо, театрҳои опера ва драма мебошад. В. бо курортҳои байналхалқии Дӯстӣ ва Реги Заррин шӯҳрат ёфтааст. Шаҳр а. 6 то м. буньёд шуда, аввал Одессос ва а. 7 В. ном гирифт.

ВАРСИҚ, деҳа дар С. қ. Пошканди р-ни Ӯротеппа, вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи Ленин. Аз В. то маркази С. қ. 3 км, то маркази район 5 км, роҳ асфальт. Аҳол. 954 наф. (1976), асосан тоҷикону ӯзбекҳо. Мактаби миёна, пункти тиббӣ дорад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — боғу токдорӣ. Заминҳои деҳа аз обанб. Каттасой обьёрӣ мешаванд.

ВАРШАВА (Warszawa), пойтахт, шаҳри калонтарин, маркази сиёсӣ, иқтисодӣ, маданию илмии Республикаи Халқии Польша. Дар ду соҳили д. Висла ҷой гирифтааст. Маркази маъмурии воеводаи Варшава. Масоҳ. 446 км². Аҳол. 1,4 млн (1975), бо атрофаш қариб 2 млн. Иқлимаш мӯътадили континентӣ. Узели муҳими нақлиёт, роҳи автомобильгарди Москва—Берлин аз В. мегузарад. 2 бандар (дар д. Висла ва кан. Жерань), аэропорти байналхалқӣ (дар Окинец) дорад. Соҳаҳои саноаташ: мошинсозӣ ва коркарди металл (электротехника, радиоэлектроника, оптика, механикаи дақиқ, автомобилу дастгоҳсозӣ), пӯлодгудозӣ, химия (дорусозӣ, фотохимия), полиграфия, хӯроквори ва сабук. Дар В. АФ Польша, 13 мактаби олӣ, аз ҷумла ун-т (аз 1818), ин-ти

Варшава. Эстакадаи нав дар назди кӯпруки Понятовский.

политехникӣ, мактабҳои олии иқтисодиёт ва х. қ., баплангирӣ ва статистика; якчанд омӯзишгоҳи театрӣ, китобхонаи оммавӣ, музейҳо, театрҳо ва ғ. мавҷуданд. Бисьёр маҳаллаҳои нав буньёд гардида, аз с. 1972 сохтмони метрополитен шурӯъ шуд. Осори меъморӣ: биноҳои а-ҳои 15—18, костёли (калисои) ҳазрати Ян (а. 14), деворҳои муҳофизатӣ (а. 14), костёлҳои а-ҳои 16—17 ва ғ. Солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шаҳр тамоман хароб гардид. Аз с. 1945 аз нав сохта шуда, ба яке аз шаҳрҳои зеботарини Европа табдил ёфт. В. а. 10 буньёд шудааст. Аз с. 1596 пойтахти Польша. С. 1795 В.-ро Пруссия истило кард. С-ҳои 1807—13 пойтахти герцогии Варшава. Баъди конгресси Вена (1814—15) пойтахти подшоҳии Польша. Охири а. 19 маркази ҳаракати коргарӣ. С-ҳои 1915—18 В.-ро қӯшунҳои Германия ишғол карданд. Аз с. 1918 пойтахти Польшаи мустақил. 28 сент. 1939 фашистони немис шаҳрро забт карданд. 17 янв. 1945 қӯшунҳои советӣ бо армияи 1-уми Польша В.-ро озод карданд.

ВАРШЕДЗ, кӯл дар Помири Ғарбӣ (ВАБК). Дар нишебаи шимоли қ-кӯҳи Шуғнон, дар баландии 4798 м аз с. б. воқеъ аст. Масоҳ. 0,36 км².

Кӯли Варшедз.

Тӯлаш 1260 м, бараш то 280 м, чуқурии кӯл ба ҳисоби миёна 27 м., ҷои аз ҳама чуқураш 66 м. Обаш—зулол. В. дар чуқурии карриӣ пайдо шудааст. Соҳилҳояш нишеб, қисми ҷанубии онро пирьяхи Варшедз ва шимолашро ҷариб тамоман сангреза пӯшидааст. Ба кӯл якчанд дарьёчаҳо рехта, аз он д. Варшедз (шохоби чапи Ғунд) ҷорӣ мешавад.

Ю. С. Усков.

«ВАРҚА ВА ГУЛШОҲ» ورقه و گلشاه яке аз қиссаҳои ишқии халқҳои эронинажод, ки дар адабиёти форс-тоҷик аввалин бор *Айюқӣ* ба риштаи назм кашидааст. «В. ва Г.»-и Айюқӣ достони романтикӣ буда, дар вазни мутақориб суруда шудааст ва ҷо-ҷо ғазалу суруд ҳам дорад. Мазмуни достон чунин аст: бародару хоҳар дар синни хурдӣ ба ҳам меҳр мебанданд (дар як давраи муайяни тарақиёти ҷамъияти инсонӣ ин ҳолат як чизи табиӣ буд ва аз ин рӯ ишқварзӣ ё завҷияти додару хоҳар на танҳо дар адабиёти форс-тоҷик, инчунин дар адабиёти араб ва адабиёти аврупоӣ ҳам вомехӯрад), аммо ба васл нарасида, вафот мекунанд. Бо дуои пире онҳо зинда мешаванд ва ба мурод мерасанд.

«В. ва Г.» чанд ривояти халқӣ ҳам дорад ва дар онҳо Варқа ва Гулшоҳ ошиқу маъшуқанд, ки аз оилаҳои дигар ба дунёё омадаанд ва дар роҳи ба васли ҳамдигар расидан ҷонбозиҳо мекунанд. Як ривояти бисьёр машҳури «В. ва Г.»-ро, ки чандин бор дар Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Афғонистон чоп шудааст, ба Аҳмади Ҷомӣ нисбат медиҳанд, вале дар воқеъ он ба қалами Ҷомии Ғармӣ (а. 17) тааллуқ дорад. Дар адабиёти турки-забон достони озарии Рукнуддин Масъуди Масеҳӣ (а. 17), тарҷумаи ӯзбекии Султон Шодӣ Ҷаҳонгиртӯраӯғлӣ, Юсуфи Маддоҳ, тарҷумаи қазоқии Мулло Абдуллоҳҳоҷӣ ибни Миркарим шӯҳрат доранд. *А. Афсаҳзод.*

ВАСАРҒА, навъи ангури миёна ва дерпазак. Селекцияи халқӣ. Бештар дар вил. Ленинобод, водии Ҳисори РСС Тоҷ., инчунин дар вил-ҳои Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Қашқадарьёи РСС Ӯзб. ва баъзе ноҳияҳои РСС Туркм. (Чорҷӯ) паҳн шудааст. Хелҳои сафед ва сиёҳ дорад. Рушди токаш миёна, 27—35%-и навдаҳояш ҳосилдеҳ. Баргаш 5-парра, мудаввар, сабзи баланд (дарозиаш 17 см, бараш 18 см), гулаш як ва дучинса, хӯшааш миёна ва калон (дарозиаш 13—26 см, бараш 7—22 см), мудаввар, зичиаш миёна, 240—350 г. Донааш миёна ва калон (ҚУТРАШ аз 17 то 22 мм), сершира, ширин, пӯсташ тунуки шаффоф ва ғафси доғдор, 2—4 дона тухм (вазни 100-тоаш 3,8—5,6 г) дорад. Баъди пухтан зарди каҳраборанг ва сиёҳи бунафштоб, 20—23% қанд ва 5—7% туршӣ дорад. В. гармидӯст ва серҳосил, дар нишебӣ ва заминҳои ламмии офтобрӯя нагз месабзад. Даври нашваш 140—200 рӯз. Май гул карда, авг.—дек. мепазад. Ба ҳисоби миёна 110—200 ц/га ҳосил медиҳад. Асосан барои тарҳӯрӣ ва май истифода мекунанд. В. асосан аз *ҷел* ва *баргпечонаки хӯшаи ток* зарар мебинад.

Ад.: Сорта винограда Узбекистана, Ташкент, 1974.

ВАСВАСА (ар. وسوسه — бим, ҳарос), маҷмӯи фикр ва тасаввуротҳои аз ҳақиқат дур, вайроншавии қобилияти фикрронӣ ва фаразкунӣ, аломатҳои асосии касалиҳои рӯҳӣ. Шахсони ба В. гирифтор одатан аз чиҳати ақлу фаросат, шуур солим бошанд ҳам, аммо фикру мулоҳизаҳояшон оид ба баъзе ҳодисаю воқеаҳо тағьир ёфта, аз он хулосаҳои нодуруст мебароранд. Мас., чунин одамон агарчи дар бораи воқеаҳои ҳаётӣ бо тартиб сухан ронанд ҳам, аммо ҳангоми тавзеҳи мазмун ва моҳияти он хулосаи нодуруст мебароранд. Онҳо худро рӯҳан солим пиндошта, фикрҳои ғалатро ҳақиқат мешуморанд, муносибат ва рафтору кирдори онҳо бо шахсоне, ки нодурустии ақидаи (хулосаи) онҳоро исбот карданӣ мешаванд, ба куллӣ тағьир меёбад. Аз рӯи тағьироти дар организм ба амал оянда В. маънавӣ (вайроншавии қобилияти фикрронӣ) ва тасвирӣ (вайроншавии фаъолияти узвҳои биноӣ) мешавад. В.-ҳои маънавӣ ва тасвирӣ таҳти таъсири сабабҳои гуногун: интизорӣ, шубҳа, таъсири ҷисмонӣ, дорой, нодорой, қашшоқӣ, эҳтиёҷмандӣ, рашк, хасташавӣ ва ғ. ба амал меояд. В. дар беморхонаҳои касалиҳои рӯҳӣ бо муолиҷаи касалии асосӣ барҳам меёбад. Психиатрҳои Тоҷикистон хусусиятҳои зоҳиршавӣ ва инчунин моҳияти ташхисию прогнозии В.-и рашкро ҳангоми шизофрения, психози алкоголию атеросклерозӣ пурра омӯхтаанд.

Ад.: Актуальные вопросы социальной и клинической психиатрии. Д., 1969.

М. Ғ. Ғуломов.

ВАСЕЪШАВӢ АЗ ГАРМӢ, тағьир ёфтани андозаҳои ҷисм дар процесси гармкунии изобарӣ дар таҳти фишори доимӣ. В. аз ғ. миқдоран бо коэффициенти ҳароратии васеъшавии ҳаҷмӣ β, яъне нисбати тағьирёбии нисбии ҳаҷми ҷисм ҳангоми гармкунии изобарии он бар афзоиши ҳарорат: $\beta = \frac{1}{V}\left(\frac{\partial V}{\partial T}\right)_p$ (V — ҳаҷм, T — ҳарорат, p — фишор) тавсиф дода мешавад. Барои аксари ҷисмҳо $\beta > 0$ аст (ба ғайр аз чанд модда, мас., об, ки барои он дар ҳарорати аз 0°C то 4°C $\beta < 0$ мебошад). Барои *гази идеалӣ* $\beta = \frac{1}{T}$, барои моеот ва ҷисмҳои сахт вобастагии β ва T хеле сусттар аст. Барои ҷисмҳои сахт дар қатори β мафҳуми *коэффициенти ҳароратии васеъшавии хаттӣ* α, яъне нисбати тағьирёбии нисбии дарозии ҷисм қад-қади самти матлуб ҳангоми гармкунии изобарии он бар афзоиши ҳарорат: $\alpha = \frac{1}{l}\left(\frac{\partial l}{\partial T}\right)_p$, ҷорӣ шудааст (l—дарозии ҷисм). Барои ҷисмҳои изотропӣ $\beta = 3l$.

ВАСИЛАҲОИ ҲИМОЯТ АЗ ОФТОБ, маҷмӯи василаҳои лоиҳавию меъморӣ ва конструктивӣ, ки барои ҳимояти бинову иншоот аз таъсири номатлуби тобиши Офтоб (инсоляция) ва дар онҳо ба вуҷуд овардани микроиқлим хизмат мекунад. Ба василаҳои лоиҳавию меъморӣ инҳо мансубанд: нисбат ба тарафҳои уфуқ рационалӣ ҷойгир кардани биною тирезаҳои он, ранги равшан додан ба конструкцияҳои иҳотавии бино, кабудизор ва обшор кардани атрофи биною иншоот, бо материалҳои камгармигунҷоиш рӯпӯш кардани роҳу пайраҳаҳо ва ғ. Василаҳои конструктивии ҳимоят аз офтоб инҳоанд: ҷиҳози ҳимоят аз офтоб, ки доимӣ ва танзимӣ мешаванд — ба тирезаҳои бино шиноидани шишаю пластмассаҳои рӯшноигардону рӯшноифурӯбаранда, дар сохтани деворaҳо истифода бурдани материалҳои гарминагузаронанда ва ғ.

ВАСИЛЕВСКАЯ Ванда Львовна (21. 1. 1905, Краков — 29. 7. 1964, Киев), адибаи поляк ва советӣ. Аз с. 1939 дар СССР зиндагӣ ва кор кардааст. Аъзои КПСС аз с. 1941. Ун-ти Краковро (1927) хатм кардааст. Дар романи «Ватан» (1935) ва повестҳои «Симои рӯз» (1934), «Замини мутеъ» (1938) муборизаи деҳқонон ба муқобили буржуазия ва болоравии шуури революционии синфи коргари поляк тасвир ёфтааст. Трилогияи В. «Суруди рӯи обҳо»— романҳои «Шӯълаи рӯи ботлоқҳо» (1940), «Ситораҳо дар кӯл» (1945), «Дарьёҳо месӯзанд» (1951; Мукофоти давлатии СССР, 1952) аз сохтмони социалистӣ дар Украинаи Ғарбӣ ва дӯстии байни халқҳои советӣ ва поляк нақл мекунанд. Повестҳои «Тиру камон» (1942; Мукофоти давлатии СССР, 1943; тарҷ. тоҷ. 1948), «Муҳаббат» (1944; Мукофоти давлатии СССР, 1946) ва «Вақте ки чарогҳо фурӯзон мешаванд» (1946) қаҳрамониҳои халқи советӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ахлоқи социалистиро инъикос мекунанд. Асарҳои В. рӯҳи пурэҳтироси публицистӣ, низоъҳои тезу тунд ва таъсири эмоционалӣ доранд. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1—6). Узви Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ. Бо ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

ВАСИЛЕВСКИЙ Александр Михайлович (30. 9. 1895, деҳаи Новая Гольчиха, губ. Кострома—5. 12. 1977, Москва), ходими ҳарбии советӣ, Маршали Иттифоқи Советӣ (1943), ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944, 1945). Аъзои КПСС аз с. 1938. С. 1915 омӯзишгоҳи ҳарбии Алексеевскийро хатм намуд. Иштирокчии

ҷанги якуми ҷаҳонӣ. Рутбааш дар армияи Россияи подшоҳӣ—штабс-капитан. Аз с. 1918 дар Армияи Советӣ, иштирокчии Ҷанги граждани. С. 1937 Академияи Штаби генералиро хатм намуда, дар ҳамон ҷо аз с. 1940 ҷонишини сардор, аз авг. 1941 сардори Управлениями оперативӣ, ҷонишин ва ҷонишини якуми сардори Штаби генералӣ буд. Аз июни 1942 сардори Штаби генералӣ ва ҷонишини комиссари халқии мудофиа. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ В. бо супориши Ставкаи Сарфармондеҳи Олӣ амалиёти Фронтҳои гуногуни Армияи Советиро координация мекунад. Февр. 1945 ба Ставкаи Сарфармондеҳи Олӣ дохил шуда, фармондеҳи Фронти 3-юми Белоруссия таъин гардид. Июни 1945 сарфармондеҳи қӯшунҳои советӣ дар Шарқи Дур таъин мешавад ва дар ҷанги зидди Японияи роҳбарӣ менамояд. Аз с. 1946 сардори Штаби генералӣ ва ҷонишини якуми вазири мудофиа, аз с. 1949 вазири Қувваҳои Мусаллаҳи СССР, с-ҳои 1950—53 вазири ҳарбӣ, 1953—57 ҷонишини якум ва ҷонишини вазири мудофиа. Аз янв. 1959 дар корҳои роҳбарикунандаи Вазорати мудофиаи СССР. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 2—4). С-ҳои 1952—61 аъзои КМ КПСС. Бо 8 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, 2 ордени «Ғалаба», 2 ордени Байраки Сурх, ордени Суворов дараҷаи 1-ум, ордени Ситораи Сурх, ордени «Барои хизмати Ватан дар Қувваҳои Мусаллаҳи СССР» дараҷаи 3-юм, яроқи фахрӣ, инчунин бо ордену медальҳои як қатор мамлакатҳои социалистӣ ва давлатҳои дигар мукофотонида шудааст. В. дар девори Кремль мадфун аст.

ВАСИЛИЙИ I ДМИТРИЕВИЧ (1371—1425), князи кабири Москва (аз 1389), писари калони Дмитрий Иванович Донской. Сиёсати муттаҳид намудани сарзамини русро давом дод. Князии Нижегород ва Муром (1392), Бежецкий Верх, Вологда, Устюг ва сарзамини Комиро ба князии Москва ҳамроҳ намуд.

ВАСИЛИЙИ II ВАСИЛЬЕВИЧ (1415—1462), князи кабири Москва (аз 1425), писари *Василийи I Дмитриевич*. Бо князҳои қитъанишин ҷангҳои дуру дарози дохилӣ бурд ва дар яке аз ин ҷангҳо кӯр карда шуд (1446). Аз ин ҷо лақаби «Тёмный»—«нобино»-ро гирифт. Бо дастгирии дворянҳою шаҳриён бар князҳои қитъанишин ғолиб омад. В. II В. аксарияти князиҳои қитъавиро барҳам дод. Калисои русро аз тобеияти патриархи Константинополь раҳонид ва мавкеи байналхалқии давлати Русьро мустаҳкам кард.

ВАСИЛИЙИ III ИВАНОВИЧ (1479—1533), князи кабири Москва (аз 1505), писари Ивани III Васильевич. Охирин мулкҳои ниммустақили Русь (с-ҳои 1510 Псков, 1513 Волоцк, тақр. 1521 князии Рязань ва 1522 Новгород-Северск)-ро ба Москва ҳамроҳ карда, марказонидани Русьро анҷом дод.

ВАСИЛЬЕВ Василий Павлович (4. 3. 1818, Новгород — 10. 5. 1900, Петербург), хитойшиноси рус, акад. АФ Петербург (1886). С. 1837 Ун-ти Қазонро хатм намуд. С. 1840 ба Пекин рафта забонҳои санскрит, хитой, муғулӣ, тибетӣ ва манчуриро омӯхт. Проф. Ун-ти Қазон (аз с. 1851) ва Петербург (аз с. 1855). Доир ба таърих, дин, географ, забон ва адабиёти Хитой асарҳои илмӣ навиштааст, муҳимтарини онҳо: «Буддоия, аҳком, таърих ва адабиёти он» (қ. 1 ва 3, с-ҳои 1857—69); «Таърих ва гузаштаи қисми шарқии Осиёи Миёна аз а. 10 то 13» (1857); «Дини Шарқ: Конфуций, буддоия ва даосизм» (1873), «Очерки таърихи адабиёти Хитой» (1880), «Таҳлили иероглифҳои Хитой» (к. 1—2, с-ҳои 1866—84) ва ғ.

ВАСИЛЬЧЕНКО Ксения Петровна (тав. 9. 6. 1909, қиш. Темурланги ҳозира вилояти Чимкент), боғдор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1949), Устоди боғдории РСС Тоҷ. (1964). Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45). С-ҳои 1938—68 коргар, сардори звеноҳои бригадаи токдории с-зи «Шаҳрипав»-и р-ни Ҳисор ва аз с. 1968 нафақахӯри шахсӣ. С. 1948 звенои В. ҳосили баланди ангур ғундошт. В. депутати Совети Олии РСС Тоҷ. (даъвати 4). Бо 3 ордени Ленин ва медалу грамотаҳо мукофотонида шудааст.

ВАСИЯТ (ар. وصيت — панду насиҳат ва дархосту супоришоти пеш аз марг), андарз, супоришот ва хости шахсе роҷеъ ба он, ки пас аз вафоти ӯ чӣ кунанд ва чӣ бошад, ҳуҷҷати оид ба молу мулк, ки шахс пеш аз вафот мувофиқи тартиби муқаррар кардаи қонун гузоштааст. Дар СССР ҳар як граждании метавонад бо В. тамоми молу мулкаш ё қисми онро ба як ё якчанд кас, сарфи назар аз он, ки онҳо қонунан ба доираи ворисон дохил мешаванд ё не, инчунин ба давлат ё ташкилотҳои ҷудогонаи давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ мерос гузорад. Васияткунанда метавонад дар В. як, якчанд ё ҳамаи меросхӯрони қонуниашро аз ҳуқуқи гирифтани мерос маҳрум кунад, ба истисноҳои фарзандони ноболиғ ва ғайри қобили меҳнат (аз ҷумла писарҳонду духтарҳонд), ҳамсар, волидайни ғайри қобили меҳнат (аз ҷумла падарҳонду модарҳонд) ва ғ., ки қатъи назар аз мазмуни В. ба гирифтани ҳиссаи ҳатмӣ ҳақ доранд. В. хаттӣ шуда дар он ҷой ва санаи В. акс меёбад. Имзои васиятгарро нотари-

ус тасдиқ мекунад. Дар маҳалҳое, ки органҳои нотариалӣ нестанд, В. барои тасдиқ кунондан ба Совети депутатҳои халқии қишлоқ ё посёлка пешниҳод карда мешавад (мод. 528, 534, КГ РСС Тоҷ.).

«ВАСИЯТИ ЛЕНИН», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои халқии р-ни Ишкошим. Аз с. 1949 ба забони тоҷикӣ ҳафтае се бор нашр мешавад. Аввал «Барои коммунизм» ном дошт. Аз 28 июни 1959 то 28 янв. 1966 чопи газета қатъ гардид. Аз 28 янв. 1966 бо номи «В. Л.» аз нав барқарор шуд. Тиражаш 2400 нусха (1978).

«ВАСИЯТИ ЛЕНИН», журнали ҳармоҳаи адаби-бадеӣ ва оммавию сиёсии Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷ. Аз апр. 1958 то апр. 1959 бо тиражи 10000 нусха ба забони тоҷикӣ чоп мешуд. Апр. 1959 чопи он қатъ гардид.

ВАСИҚА (ар. وثيقة-аҳду паймон), ҳуҷҷати моликияти касе ба чизе, шартномаи расмии хариду фурӯши замин, молу мулк дар Шарқи Наздику Миёна, аз ҷумла Осиёи Миёнаи тореволюционӣ. В. ба шахси дахлдор ҳуқуқ медод, ки ба молу мулки ғайри манқул (обу замин, биноҳои хоҷагӣ ва ғ.) доимӣ ё муваққатӣ ихтиёрдорӣ кунад. Дар қозихонаҳои Осиёи Миёна В. дар асоси қонунҳои шариат як нусха дода мешуд. Баъди имзои фурӯшанда, харидор ва гувоҳҳо В. аз тарафи қозӣ мӯҳр мегардид. Амирон низ замин ва дигар молу мулки ғайриманқули худро ба шахсони дилхоҳашон ба тариқи тӯҳфа В. карда медоданд. Ин тарзи тақдим ва харидуфурӯш ба ҳимояи замин, об ва хонаву ҷои мулкдорони хусусӣ равона карда шуда буд. Баъди Рев. Октябрь, баробари нест карда шудани моликияти хусусӣ дар Осиёи Миёна В. қувваю эътибори худро гум кард. Дар СССР масъалаи ҳуқуқи моликияти гражданинҳо мувофиқи қонуни советӣ ҳал мешавад (мод. 116—157 КГ РСС Тоҷ.).

ВАСЛАКИ ЭЛЕКТРИКӢ, аппарат барои ба кор даровардан ё аз кор боздоштани таҷҳизоти электрикӣ — асбобҳои рӯшноиҳанда, муҳаррику печҳои электрикӣ, трансформатор, хатҳои нақли электр ва ғайра. В. э.-и шиддатҳои паст (то 1 кВ) ва В. э.-и шиддатҳои баланд (беш аз 1 кВ) мавҷуданд. В. э.-и шиддатҳои паст барои васл ва ҷудо кардани асбобҳои электрикии рӯзгор (то шиддатҳои 220 В ва ҷараёнҳои то 10 А) ва таҷҳизоти саноатӣ (барои ҷараёнҳои аз даҳҳо то ҳазорҳо А) истифода мешавад. Баъзан васлдаста, корандози магнитӣ, контактор ва ғ.-ро низ ба В. э. мансуб мешуморанд. В. э.-и шиддатҳои баланд барои дастӣ ё аз дур фаврӣ васлу ҷудо кардани таҷҳизоти бо шиддатҳои баланд коркунанда дар режимҳои мӯътадили кори онҳо ва автоматӣ ҷудо кардани ин таҷҳизот дар вазъияти аварияги, ки ҳангоми фавқулодда зиёд шудани бори система ё расиши кӯтоҳ ба амал меоянд, пешбинӣ шудааст. Параметрҳои асосии он: шиддати номиналӣ (аз 3 то 750 кВ ва зиёда аз он); ҷараёни номиналӣ (аз 100 А то 12 кА ва зиёда аз он), ки аз В. э. муддати дароз қисмҳои онро аз ҳарорати ҷоиз зиёд натафсонда мегузарад; ҷараёни ҷудошавӣ (то чанд сад кА ва зиёда аз он), ки қобилияти ҷудо карда тавонистани В. э.-ро тавсиф медиҳад ва бо ҷараёни калонтарини расиши кӯтоҳ, ки В. э. дар шиддати додашуда ба ҷудо кардани он қодир аст, муайян карда мешавад. Элементҳои асосии конструктивии В. э. аз системаи контактҳо (мутаҳаррик ва ноҷунбон), ҳаракатовар (дастӣ, пружинӣ, электромагнитӣ, пневматӣ) ва клеммаҳо иборат аст.

ВАСЛДАСТА́, *васлаки электрикӣ* бо ҳаракатовари дастӣ ва контактҳои кордшакли мутаҳаррик, ки байни клеммаҳои пружинии ноҷунбон ҷой мегиранд. Барои васл ё ҷудо кардани занҷирҳои электрикии шиддаташон то 1000 В истифода мешавад. В.-ҳое, ки барои ҷараёнҳои калон пешбинӣ мешаванд, дар ҳар як қутби худ якчандтогӣ контактҳои параллель пайвастшуда доранд. В.-ҳои яққутба, дуқутба, сеқутба ва бисьёрқутба мавҷуданд.



Васлдастаи сеқутба бо кордҳои қатъи фаврӣ: 1 — корди асосӣ; 2—клеммаҳои ноҷунбон; 3 — корди қатъи фаврӣ; 4—пружина; 5—даста.

ВАСЛКУНИИ МОШИН, қисми процесси истеҳсолии бо роҳи пайдарпай пайваст кардани ҷузъ, узел ва агрегатҳои алоҳида ба вуҷуд овардани мошин, ки талаботи техникии муқарраршударо қонеъ мегардонад. В. м. узелӣ ва умумӣ мешавад. Дар вақти васлкунии узелӣ аз ҷузъҳои ҷудогона узелу агрегатҳо ва дар мавриди васлкунии умумӣ аз узелу агрегатҳо худи мошинро ба вуҷуд меоранд. В. м. то 40% ҳаҷми меҳнати барои тайёр кардани мошин сарфшударо дарбар мегирад. Маснуоти сермасрифро (подшипникҳои саққою роликдор, занҷирҳои шарнирӣ, таҳвили кардании автомобиль ва ғ.) дар автомату нимавтоматҳо васл мекунанд.

ВАСЛӢ وصلي Саидаҳмад (1869, Самарқанд — 1925, ҳамон ҷо), шоир ва донишманди тоҷик. Дар оилаи устои Аъзами оҳангар таваллуд шуда, маълумоти ибтидоиро дар Самарқанд гирифтааст. В. дар мадрасаҳои Тошкенту Бухоро таҳсили илм дида, чанд гоҳ дар Бухоро мударрисӣ кардааст. Азбаски аз тарафдорони усули нави таълим буд, ба таъқиби муллоҳои мутаассиб дучор шуда, ба Самарқанд баргашт ва то охири умр дар мадрасаи Орифҷонбой дарс гуфт. В. асарҳояшро ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба ӯзбекӣ менавишт. Дар назму наср осори зиёди адабию илмӣ ва таълимӣ доштааст, ки мутаассифона, аксарашон имрӯз дастрас нест. Осори манзуми В. дар ду девон: «Армуғони дӯстон» (1909, Самарқанд, 4000 байт) ва «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» (1912, Тошкент, 7000 байт) ба табъ расидааст. Мундариҷаи асосии ашъори ӯро ишқу муҳаббати инсон, шикоят аз тақдир ва носозгории замон ташкил медиҳад. Махсусан ақидаҳои маорифпарварӣ ва панду андарзи шоир ҷолиби диққатанд. В. чун мударрису муаллим баъзе дастурҳои таълимӣ ҳам мураттаб сохта, дар саҳифаҳои матбуоти давр бо шеърҳои тарғиботии таълимӣ баромад кардааст. Ривоят мекунанд, ки В. ашъори охири умрашро дар «Девони авохири умр» ном маҷмӯа фароҳам карда будааст, вале ин китоб то ҳол пайдо нест. *Т. Самадов.*

ВАСМА́, ниг. *Ӯсма.*

ВАСНЕЦО́В Виктор Михайлович (15. 5. 1848, деҳаи Лопьял, ҳоло вил. Киров — 23. 7. 1926, Москва), рассом, намояндаи равияи реалистии санъати тасвирии рус. Дар мактаби расмкашии Ҷамъияти дӯстдорони санъат ва АР (Петербург, 1868—75) таҳсил намудааст. Аз с. 1893 аъзои ҳақиқии АР. Асарҳои давраи аввали эҷодиёти В. бештар мусаввараҳои жанрие буд аз ҳаёти савдогарони хурд ва хизматчиён, камбағалони шаҳр ва деҳқонон («Дарбадарӣ», 1876, «Телеграммаи ҳарбӣ», 1878, ҳар ду дар Нигористони Третьяков). Дар эҷодиёти с-ҳои 80-ум ва минбаъдаи В. мавзӯъҳои таърихӣ, қиссаю достонҳои русӣ ва афсонаҳои халқӣ ҷои намоён мегиранд. В. яке аз аввалин рассомонест, ки ба фольклор рӯ оварда, кӯшиш намуд, ки ба асарҳояш характери эпикӣ диҳад, дар шакли нафис мақсаду маромҳои деринаи халқ ва ҳисси баланди ватандӯстонаи онро таҷассум намояд. Асарҳои «Баъд аз муҳорибаи Игорь Святославич бо қипчоқҳо» (1880), «Алёнушка» (1881), «Шоҳзода Иван савори гурги ашҳаб» (1889), «Баҳодурон» (1881—98), «Подшоҳ Иван Васильевич Грозный» (1897,— ҳама дар Нигористони Третьяков) дар эҷодиёти В. мавқеи муҳим доранд. В. инчунин барои спектаклҳои театрҳо декорацияҳои зебо сохта аст. Панноҳои монументалии «Ас-

ри сангин» (1883—85, барои Музеи таърихии Москва), аз корҳои машҳури ӯст. В. инчунин портрет ва иллюстрацияҳои зиёде офаридааст. Дар давраи советӣ низ дар мавзӯи афсонаҳои халқӣ асарҳо офарид: «Ҷанги Добрыня Никитич бо Деви ҳафтсар» (1918), «Кащеи Бадмур» (1917—26; ҳар ду дар Хона-музеи В. М. Васнецов, Москва). Эҷодиёти В. барои нашъунамои санъати тасвирии рус роли муҳим бозидааст.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 512—513.

ВАСОЯТ (ар. وصايت — васият, васиятӣ), дар СССР яке аз шаклҳои ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои шахсӣ ва молу мулки гражданинҳо. В. аз тарафи органҳои давлатӣ ба амал бароварда мешавад. Мақсади В.: 1) тарбияи ноболигони то 15-сола, муҳофизати ҳуқуқҳои шахсӣ, молу мулкӣ ва манфиатҳои онҳо. Барои тарбияи кӯдакони ноболиғе, ки дар натиҷаи касалии падару модар, вафоти онҳо ё маҳрум шудани падару модар аз ҳуқуқи падару модарӣ ва ё диг. сабабҳо, бе парастор мондаанд, инчунин барои муҳофизати ҳуқуқи шахсӣ, молу мулк ва манфиати ин кӯдакон В. ва парасторӣ муқаррар карда мешавад. Барои шахсони болиғе, ки аз сабаби бад будани аҳволи саломатиашон ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро ба ҷо оварда наметавонанд, низ В. ва парасторӣ муқаррар карда мешавад (мод. 136 КНО РСС Тоҷ.). Васиён ва парасторони ноболиғон ӯҳдадоранд, ки шахсони дар В. ва парасторӣ бударо дар рӯҳи кодекси ахлоқи бинокори коммунизм тарбия кунанд, дар бораи инкишофи ҷисмонӣ, таҳсил ва ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ тайёр шудани онҳо ғамхорӣ карда, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро муҳофизат намоянд (мод. 156 КНО РСС Тоҷ.). 2) муҳофизати ҳуқуқҳои шахсӣ, молу мулк ва манфиатҳои шахсони болиғе, ки суд онҳоро ғайри қобили амал (номукаллаф) эътироф кардааст (беморони касалии рӯҳӣ, ноқисулақлон). Васӣ ӯҳдадор аст, ки нигоҳубин ва табобати шахси ғайри қобили амалро таъмин намояд. Комитетҳои иҷроияи Совети районӣ (шаҳрӣ), қишлоқӣ ва посёлкавии депутатҳои халқӣ органҳои В. ва парасторӣ мебошанд. Иҷрои вазифаҳои В. ва парастории кӯдакони ноболиғ ба зиммаи шӯъбаҳои маорифи халқ, В.-и шахсоне, ки онҳоро суд ғайри қобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд (мукаллафи маҳдуд) эътироф кардааст, ба зиммаи шӯъбаҳои нигаҳдории тандурустӣ ва В.-у парастории шахсони қобили амал (мукаллаф)-е, ки бинобар аҳволи саломатиашон ба парасторӣ мӯҳтоҷанд, ба зиммаи шӯъбаҳои таъминоти социалӣ гузошта мешавад. Дар қишлоқу посёлкаҳо вазифаҳои В.-у парасториро бевосита комитетҳои иҷроияи Советҳои қишлоқӣ ва посёлкавии депутатҳои халқӣ иҷро мекунанд (мод. 140 КНО РСС Тоҷ.). В. ва парасториро комитети иҷроияи Советҳои районӣ (шаҳрӣ), қишлоқӣ, посёлкавии депутатҳои халқии ҷои истиқомати шахсе, ки бояд ба В. ё парасторӣ қабул карда шавад, ё ҷои истиқомати васӣ ё парастор муқаррар менамояд (мод. 143 КНО РСС Тоҷ.). Органҳои В. ва парасторӣ барои иҷрои бевоситаи ӯҳдадориҳои В. ва парасторӣ васӣ ё парастор таъин мекунанд. Васӣ ё парасторро фақат бо розигии худаш таъин кардан мумкин аст, ки синну солаш аз 18 хурд набошад. Васиён вакилони қонунии шахсони таҳти В. будагӣ мебошанд ва қоидаҳои муқаррар кардаи қонунро риоя карда, аз номи онҳо ва ба манфиати онҳо тамоми амалиёти заруриро ба ҷо меоранд. Агар васӣ ё парастор вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо ба таври лозимӣ иҷро накунад, органи В. ва парасторӣ ӯро аз иҷрои ин вазифаҳо озод мекунад. Баъд аз 15-сола шудани шахсони ноболиғ В. қатъ мегардад. 3) Муҳофизати молу мулки шахсоне, ки мувофиқи тартиботи муқаррар кардаи қонун бедарак ғоибшуда эътироф гардидаанд (мувофиқи қарори суд таъин карда мешавад), инчунин молу мулке, ки бояд идора карда шавад (мас., хонаи истиқоматӣ) то додани он ба меросхӯрҳо (дар маҳалҳое, ки идораи нотариалӣ надоранд, аз тарафи комитети иҷроияи Совети маҳаллӣ таъин карда мешавад). *У. Назиров.*

ВАСОЯТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ, системаи идоракунии баъзе терр. номустақиле, ки мувофиқи созишномаи махсуси байналхалқӣ, дар зери назорати ТДМ мебошад. Мувофиқи Устави ТДМ вазифаҳои В. б. аз инҳо иборатанд: мустаҳкам намудани сулҳ ва амнияти байналхалқӣ; ёрӣ расондан ба прогресси сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании аҳолии терр. таҳти васоят бо мақсади ба даст овардани худидоракунӣ ва истиклол; эҳтироми ҳуқуқҳои инсонӣ ва озодиҳои асосӣ қатъи назар аз тафовутҳои нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, динӣ; таъмини баробарҳуқуқии аъзоёни ТДМ ва гражданинҳои онҳо дар терр. таҳти васоят дар муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ. Вале мамлакатҳои капиталистӣ қоидаҳои асосии Устави ТДМ-ро оид ба В. б. дар амал дағалона вайрон мекунанд. Намояндагони СССР ва диг. мамлакатҳои демократияи халқӣ дар ТДМ барои озодӣ ва истиклолияти халқҳои терр. таҳти васоят барои тамоман барҳам додани ҳамаи навъҳои системаи мустамликадорӣ фаъолона мубориза мебаранд. Барои ҳалли масъалаҳои бахшоки В. б. Совети оид ба В. б. ташкил карда шудааст. Дар натиҷаи ҳаракати пуриқтидори озодихоҳии миллӣ аксарияти терр. таҳти васоят соҳиби истиклолият гардиданд. Пас аз қабул карда шудани Декларацияи ТДМ дар бораи ба мамлакатҳо ва халқҳои мустамлика додани истиклолият (1960) системаи В. б. дар амал аҳамияти худро гум кард.

ВАССА́, ҷузъи шифти иморат дар меъмории Шарқ. В. бар болорҳо кӯндаланг чида мешавад. Дарозии В. ба масофаи байни болорҳо (50—70 см) вобаста аст. Паҳнии он 6—10 см. В.-ро аз шамшод, ар-ар, бед ва ғ. сохта, бештар дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ истифода мебаранд. Баъд аз чидани В. ба болояш бӯрьё ё қамиш паҳн карда, 10—18 см хок мепартоянд ва аз болои он бо коҳгил андова мекунанд. Барои напӯсидани В. баъзан ба рӯяш оҳак мемоланд. Бештари устоҳои халқӣ ба В. гул партофта, бо рангҳои гуногун оро медиҳанд. Дар урфият чунин пӯшишро шифти вассаҷуфт меноманд.

ВАССО́ФИ ШЕРОЗӢ وصاف شيرازى (1265, Шероз — 1330, ҳамон ҷо), муаррих ва шоири форс-тоҷик. Аз ҷавонӣ ба шеър гуфтан шуғл варзидааст. Ашъори парокандааш дар тазкираҳо баёзҳо сабт гаштаанд. С. 1298 ба таълифи асари таърихи «Таҷзият-ул-амсор ва тазҷиат-ул-аъсор» («Тақсими шаҳрҳо ва гузашти асрҳо»), ки бо унвони *«Таърихи Вассоф»* машҳур аст, шурӯъ карда, с. 1302 як қисми онро ба *Ғазонхон* (с-ҳои ҳукмрониаш 1295—1304) тақдим кард. Минбаъд В. Ш. ба хидмати Илхониёни Эрон кашида шуда, қисмҳои дигари китобро ба бародари Ғазонхон Улҷойту (с-ҳои ҳукмрониаш 1304—16) ва Абӯсаиди Баҳодур (ваф. 1336) тақдим намудааст. В. Ш. асарашро давоми «Таърихи ҷаҳонкушой»-и Атомалики *Ҷувайнӣ* донистааст.

Ад.: آيتى عبدالعميد. مقدمهٔ تاريخ وصاف، تهران، ١٣٤٦ ه. *А. Афсаҳов.*

ВАСФӢ (тахал.; ном ва фам. Муҳаммадҷон Мухторов; 1908, Бухоро — 1971, Тошкент), шоир, тарҷумон ва журналист. Коркуни Хизматнишондодаи Маданияти РСС Ӯзб. (1967). Ба тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод мекард. Муаллифи қиссаи «Гули сурх» (1933), драмаҳои «Зулми амир» (1935), «Депутат» (1946) ва достонҳои «Оинаи дил» (1958), «Рӯҳи Тошкент» (1959). В. дар соҳаи тарҷумаи асарҳои нависандагони ӯзбек ва тоҷик хизмати арзанда кардааст. Романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-и Ҷ. Икромӣ (1971), достони «Кӯчабоғи ошиқон» и А. Шукӯҳӣ (1967), маҷмӯаҳою ашъори лирикии Камоли Хуҷандӣ (1962), Абдурраҳмони Ҷомӣ ва диг. ба ӯзбекӣ ва «Боғбондухтар»-и Собир Абдулло (1934), «Гулсара»-и К. Яшин (1935) ва «Найрангиҳои Майсара»-и Ҳамза (1940) ба тоҷикӣ аз тарҷумаҳои ӯ мебошанд. *Т. Абдуҷабборов.*

ВАСЮГА́Н, дарьё дар вил. Томски РСФСР, шохоби чапи д. Обь. Тӯлаш 1082 км, масоҳ. ҳавзааш 61800 км². Аз ботлоқзори Васюган сар шуда, дар ҳамвории Сибири Ғарбӣ ҷорӣ меша-

вад. Дар поёнобаш ҷазираю тунукобаҳо зиёданд. Нояб. ях баста, май об мешавад. Манбааш барфу борон. Шохобҳои калонаш: аз рост Нюролька, Чижапка; аз чап Чертала, Ягылъяха. То маҳалли аҳолинишини Грабцов ва каме болотар киштигард. Ҳавзаи В. конҳои нефту газ дорад.

ВАТА́Д (ар. وتد — мехи калони чӯбин, ки ба он ресмони чодарро мебанданд), дар назарияи мусиқии тоҷик ва *арӯз* номи яке аз *рукнҳоест*, ки *вазн* ва *ритм*ро ифода мекунад. В. дуҳел мешавад: 1) В. маҷмӯъ — аз як ҳиҷои кӯтоҳ ва як ҳиҷои дароз иборат буда, дар шакли «фаул» — «танан» (فعول تنن) ифода меёбад. 2) В. мафрӯқ — аз як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ ташкил меёбад ва шакли он «фаълу» — «танна» (فعلاتن) аст. Шаклҳои дигари рукн: *сабаб* ва *фосила* низ вуҷуд доранд.

ВАТА́Н (ар. وطن — зодгоҳ, ҷои нашъу намо), 1) диёр, кишвар, мамлакат ва сарзамине, ки кас дар он таваллуд шудааст; 2) сарзамине, ки бо сарватҳои табиӣ, аҳолӣ, сохти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, хусусиятҳои забон, маданият, урфу одат ба соҳибватанон таърихан тааллуқ дорад. Дар гузашта мазмун ва мундаричаи В. танг буда, масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ.-ро дарбар намегирифт.

Бо ғалабаи Рев. Октябрь маъноҳои В. ба куллӣ тағйир ёфт, васеъ шуд. Мафҳуми В. аз бомгӯшаи хонаи ҳар як гражданини советӣ то тамоми ҳоки СССР-ро фаро мегирад.

Ниг. низ *Ватандӯстӣ*.

И. Шарифов, Ю. Акбаров.

ВАТА́Н (то с. 1967 Қазоқ), деҳа, маркази С. қ. Ватан ва с-зи «Совет-2», р-ни Совети вил. Кӯлоб. Аз В. то маркази район 18 км; роҳ асфальт. Аҳол. 1200 наф. (1976), тоҷикону ӯзбекҳо. В. мактаби миёна, 2 китобхона, клуб, шӯъбаи алоқа, станцияи телефон, магазин, ошхона, меҳмонхона дорад. Филиали комб. хизмати маишии район (цехҳои дӯзандагӣ, пойафзол, дуредгарӣ ва ғ.) кор мекунад. Дар ихтиёри с-з осиёб, осиёби электрикӣ, обчуворз, устохонаҳои чӯбурӣ ва оҳангарӣ ҳаст. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ (асосан гӯсфандпарварӣ), богдорӣ, зироатҳои полизӣ, кирмакдорӣ. Заминаш лалмист.

ВАТА́Н, деҳа дар С. к. Комсомол, р-ни Шаҳртузи вил. Кӯрғонтеппа. Терр. с-зи «Ватан». Аз В. то С. қ. 7 км, то маркази район 8 км, роҳ асфальт. Аҳол. 803 наф. (1976), тоҷикону ӯзбекҳо; киргизҳо ва немисҳо низ ҳастанд. З-ди вино, мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, кинотеатр, шӯъбаи алоқа дорад. Соҳаи хоҷагӣ — асосан богдорӣ. Заминҳо аз д. Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.

«ВАТА́Н», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои халқии р-ни Ванҷ. Аз с. 1939 ба забони тоҷикӣ ҳафтае се бор нашр мешавад. Аввал газета «В.» ном дошт. Аз № 11 (39) 7 марти 1940 газета «Ҳақиқати Ванҷ» ном гирифт. Аз с. 1959 то 1966 чопи он қатъ гашт. Аз № 1 (916) 16 янв. 1966 газета боз бо номи «В.» нашр гардид. Тиражаш 2500 нусха (1978).

ВАТАНДӮСТӢ, ватанпарварӣ, садоқат ба ватан, саъю кӯшиши ба нафъи вай хизмат кардан; «Ватанпарварӣ яке аз чуқуртарин ҳиссиётест, ки дар натиҷаи садҳо ва ҳазорон сол аз ҳам ҷудо зиндагӣ кардани мамлакатҳо, сахт ҷойгир шудааст» (Ленин В. И., Ас. ҷ. 28, с. 194). Нишонаҳои В. дар ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шудаанд. Бо мурури замон ҳисси дилбастагӣ ба замин ва забони худ бо дарки вазифаҳои граждани дар назди ҷамъият пайваст гардид. Кӯшиши одамон барои инкишофи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиии ватани худ, ҳифзи он аз истилогарони хориҷӣ нишонаи барҷастаи В. аст. В. дар замони капитализм бо пайдоиши *миллат* ва давлатҳои миллӣ ба қисми ҷудонашавандаи шуури ҷамъиятӣ табдил меёбад. Ба андозаи инкишофи капитализм ва зоҳир гардидани хусусияти антагонистии муносибатҳои ҷамъияти буржуазӣ дар байни пролетариат нисбат ба асосҳои иқтисодӣ ва сиёсии ватани буржуазӣ муносибати душманона ба вуҷуд мояд. К. Маркс ва Ф. Энгельс дар «Манифести Партияи Коммунистӣ» инро ба тарзи зер ифода карданд: «Коргарон ватан надоранд. Чизеро, ки онҳо надоранд, аз онҳо кашида гирифтан мумкин нест». Дар натиҷаи тезу тунд шудани муборизаи синфӣ ва ба синфи ҳукмрон табдил ёфтани буржуазия В. дигар манфиатҳои умумимиллиро ифода накарда, бо *миллатчигӣ* ва *шовинизм* як мешавад. Дар ҷамъияти буржуазӣ синфи ягонае, ки манфиатҳои ҳақиқии иҷтимоию миллии оммаи халқро ифода мекунад, пролетариат аст. Зеро пролетариат барои дигаргунсозии революционии ҷамъият ва барпо кардани социализм мубориза мебарад. «Мо забони худ ва ватани худро дӯст медорем, мо аз ҳама зиёдтар дар болои он кор мекунем, ки оммаҳои меҳнаткаши он (яъне $^{9}/_{10}$ аҳолии он)-ро ба дараҷаи ҳаёти бошуронаи демократҳо ва социалистҳо бардорем» (Ленин В. И., Ас. ҷ. 21, с. 96). Шакли олии ватанпарварӣ В.-и социалистӣ аст. Зеро дар рафти азнавсозии социалистӣ халқи тоҷик ташаккул меёбад, ки аз коргарон, деҳқонон ва интеллигенцияи меҳнатӣ иборат аст. Ин синфу табақаҳо бо мақсаду маромии умумии мубориза барои коммунизм бо ҳам муттаҳиданд. В.-и социалистӣ В.-и умумихалқӣ аст. Вай ба шуурнокии баланди омма асос ёфтааст. Хусусияти хоси В.-и социалистӣ дар ҳамин аст, ки вай ба меҳнати ҳаррӯзаи оммаи халқ пайваст мегардад. Ифодаи равшани он мусобиқаи социалистӣ аст. В.-и социалистӣ бо интернационализми пролетарӣ узвии алоқаманд аст. Ба ин меҳнати эҷодкорона дар роҳи ҳаёти нав, дӯстии халқҳои Иттифоқи Советӣ ва ёрии калоне, ки халқи советӣ ба халқҳои мамлакатҳои диг. дар муборизаи озодихоҳонаи онҳо бар зидди империализм мерасонад, шаҳодат медиҳад. «...Бо ташкил шудани системаи ҷаҳонии социализм ватандӯстии гражданинҳои ҷамъияти социалистӣ дар садоқат ва вафодорӣ нисбат ба Ватани худ, нисбат ба тамоми иттиҳоди мамлакатҳои социалистӣ таҷассум меёбад» (Программаи КПСС, Д., 1970, с. 125). КПСС тарбияи тамоми одамони советиро дар рӯҳи В.-и социалистӣ ва интернационализми пролетарӣ вазифаи якумдараҷаи кори идеологии худ мешуморад.

ВАТА́Р (ар. وتر — тори камон), хорда, порчаи хати ростест, ки ду нуқтаи хати каҷ ё сатҳро ба якдигар мепайвандад.

ВАТЕРПО́ЛО (аз англ. water — об ва polo — бозӣ), бозии спортӣ, тӯббозӣ дар об. В. аз тарафи ду командаи 7-каса дар ҳавзи андозааш 30 × 20 м (чуқуриаш 2 м) байни ду дарвозаи рӯ ба рӯи бараш 3 м ва аз сатҳи об 0,9 м баланд гузаронида мешавад. Мақсади бозӣ ҳарчи бештар тӯбро ба дарвозаи ҳариф партофтан ва ба дарвозаи худ роҳ надодани тӯб. В. охири а. 19 дар Британияи Кабир пайдо ва дар тамоми дунёё паҳн шуд. С. 1900 В. ба программаи Бозиҳои олимпӣ дохил гардид. Бозии В. дар Россия аз с. 1908 оғоз ёфт. Аз с. 1925 чемпионатҳои СССР оид ба В. гузаронида мешавад. Ватерполистони советӣ дар Бозиҳои олимпӣ аз с. 1952 иштирок доранд. 2 бор онҳо сазовори медали нуқраи Олимпиада шуданд (1960, Рим ва 1968, Мехико). Аз с. 1948 ватерполистони советӣ аъзои Федерацияи байналхалқии ҳаваскорони шиноварӣ (ФИНА) мебошанд, ки он варзишгарони зиёда аз 100 мамлакатро муттаҳид мекунад. Дар РСС Тоҷ. аввалин командаи ватерполистон с. 1954 ташкил ёфт. Дар республика оид ба ин намуди спорт 1 наф. устоди спорт, 1 наф. номзад ба устодии спорт мавҷуданд (1977). Команда дар чемпионати СССР оид ба В. сазовори медали нуқра гардид (1976). Аз с. 1976 дар ш. Душанбе барои гирифтани мукофоти газ. «Коммунист Таджикистана» оид ба В. мусобиқаи анъанавӣ гузаронида мешавад, ки дар он ватерполистони беҳтарини мамлакат иштирок мекунанд. Дар мусобиқаҳои с-ҳои 1976—77 соҳибони майдон ҷои якумро гирифтанд.

ВАТИКА́Н, Ватикон, (Stato della Citta del Vaticano), давлат-шаҳр, дар қисми ғарбии Рим, дар теппаи Монте Ватикано. В. маркази сиёсӣ, маъмурӣ ва идеологии калисои римию католикӣ, қароргоҳи папаи Рим мебошад. Масоҳ. 0,44 км². Аҳол. ка-



риб 1 ҳаз. наф. (1976; шумораи табааи расмии В. 356 наф.). Забонҳои расмӣ — лотинӣ ва италиявӣ.

Сохти давлатӣ. В.—монархияи мутлақаи теократӣ. Сардори давлат — папаи Рим, ки ӯро коллегияи махсуси интихобкунандагон дар ҳайати иерархҳои олимартабаи калисои католикӣ бо овоздиҳии пинҳонӣ якумрӣ интихоб мекунанд. Ҳокимияти олии қонунбарор, иҷроия ва суд дар ихтиёри папаанд. Ӯ дар муносибатҳои байналхалқӣ намояндаи В. аст.

Таърихи В. ҳамчун қароргоҳи расмии сардори калисои католикӣ аз. с. 1377 оғоз меёбад. Давлати В. с. 1929 дар асоси шартномаи Латеран, ки байни папаи Рим (Арши муқаддас) ва ҳукумати Италия баста шуда буд, ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи ин шартнома «Арши муқаддас» дар корҳои байналхалқӣ соҳибихтиёр аст.

В. яке аз бузургтарин сармоядорони дунёё буда, дар фаъолияти калонтарин банкҳои Италия, Франция, Швейцария, Англия, ШМА иштирок мекунад. Захираи тилло ва валютаи В. ба 12 млрд доллар мерасад. Даромади асосии В. аз ҳисоби диндорон аст (қисми зиёдаш аз ШМА). Воҳиди пул — лираи Ватикан аст, ки он дар муомилот бо лираи италиявӣ баробар мебошад.

В. матбуот, радиостанция ва телевизион дорад. Ба забони лотинӣ бюллетень ва ба забонҳои италиявӣ, франсавӣ, англисӣ ва испанӣ газетаи ҳаррӯза чоп мекунад. Ба 45 забон радио шунавонида мешавад (1970).

В. солҳои зиёд дар лагери қувваҳои таҷовузкори зиддикоммунистӣ ва зиддисоветӣ буд. Солҳои пеш аз ҷанги ҷаҳон В. бо давлатҳои фашистӣ ҳамкорӣ мекард. В. дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ 1939—45 тарафдори гуфтушунидиҳо яктарафаи байни намояндагони Германияи фашистию Италия ва намояндагони ШМА ва Англия буд. Баъди ҷанг дар як чанд мамлакатҳо ҳокимияти халқӣ ва сохти социалистӣ ғалаба карда, пойдор гардиданд, ки В. онҳоро бо кинаю адоват пешвоз гирифт. В. ташкилшавии блоки таҷовузкоронаи ҳарбии НАТО ва дигар гурӯҳҳои сиёсию иқтисодии мамлакатҳои ғарбро дастгирӣ кард.

Дар аҳди ду папаи охир — Иоанни XXIII ва Павели VI сиёсати В. андак дигар шуд. Роҳбарони В. барои дар байни диндорон нигоҳ доштани таъсиру нуфузи худ маҷбур шуданд, ки сулҳу осоиш, ҳамкории давлатҳои сохти иҷтимоиашон гуногунро тарафдорӣ кунанд ва мусаллаҳшавиро маҳкум намоянд. В. ба барқарор намудани алоқа бо СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ манфиатдории худро зоҳир кард. С. 1971 В. ба Шартномаи паҳн накардани яроқи ядрӣ ҳамроҳ шуд. В. дар маҷлисҳои доир ба масъалаҳои бехатарӣ ва ҳамкорӣ дар Европа иштирок мекунад.

Меъморӣ. В. комплекси азими меъмориест, ки майдон ва калисои ҷомеи Ҳазрати Пётрро дарбар мегирад. Дохили калисоро асарҳои Б. Микеланҷело («Азодории Исо») ва Л. Бернини оро додааанд. Дар шимоли калисо — як силсила қасрҳои калон (55 хаз. м²), ибодатхонаи Николаи V (бо нақшу нигори Беато Анҷелико), қасрҳои калони Борҷа (бо нақшу нигори Пинтуриккьо), ибодатхонаи Сикст (бо нақшу нигори Микеланҷело, Перуҷино, Боттичелли, Гирландайо), ибодатхонаи Паолин (бо нақшу нигори Микеланҷело), пешайвону толорҳо, ки бо нақшу нигори Рафаэл ва шогирдонаш оро ёфтаанд. Дар ҳамин ҷо музей ва китобхонаҳо ҷой гирифтаанд. Дар терр. В. оромгоҳи папаҳо, радиостанция, матбаа, почтамт ва ғ. мавҷуданд.

ВАТТ, воҳиди иқтидор. Ба Системаи воҳидҳои байналхалқӣ дохил мешавад. Аз номи ихтироъкори англис Ҷ. Уатт бармеояд; ишорааш Вт. В. иқтидори механикиест, ки мавриди он дар як сония 1 ҷоуль кор иҷро мегардад, яъне: 1Вт = 1Ҷ/сон. В. чун воҳиди иқтидори электрикӣ иқтидори ҷараёни тағйирнаёбандаест, ки ҳангоми 1 вольт будани шиддат қуввааш ба 1 ампер баробар аст, яъне: 1Вт = (1В · 1А). Дар техника воҳидҳои каратии Вт истифода мешавад. Мас., киловатт (1 кВт = 1000 Вт), мегаватт (1 МВт = 1 000 000 Вт) ва ғ.

ВАТТМЕ́ТР (аз *ватт* ва *метр*), асбоб барои чен кардани иқтидори фаъоли ҷараёни электр (бо Вт). Барои чен кардани иқтидори ҷараёни ҳам тағйирёбандаю ҳам доимӣ аз В.-ҳои электродинамикӣ, барои чен кардани иқтидори фақат ҷараёни тағйирёбанда аз В.-ҳои ферродинамикӣ ва индукционӣ истифода мебаранд. В.-ҳо мувофиқи конструкцияи худ сайёр ва лавҳагӣ (дар лавҳаи асбобҳои ченкунӣ ноҷунбон шинондашуда), мувофиқи ҳудуди ченкунӣ бисьёрҳудуда ва якҳудуда мешаванд. В.-ҳо ду занҷири электрикӣ доранд: занҷири ҷараён (ба занҷири бор пай дар пай пайваста мешавад) ва занҷири шиддат (ба занҷири бор параллель пайваста мешавад). Ҳудуди ченкунии В.-ҳоро бо трансформаторҳои ҷараён ва муқовиматҳои иловагӣ, дар занҷирҳои шиддати баланд бошад, бо трансформаторҳои ченкунандаи ҷараён ва шиддат васеъ кардан мумкин.

Ад.: Попов В. С., Электротехнические измерения, М., 1968.

ВАТТ-СОА́Т, воҳиди ғайрисистемагии кор ё энергия; корест, ки дар муддати 1 соат ҳангоми 1 ватт будани иқтидор иҷро мешавад. Ишорааш Вт · с. 1Вт · с = 3600 Вт · сон ё Ҷ (ҷоуль). Дар амалия одатан воҳидҳои каратӣ истифода мешаванд: гектоватт-соат (1 гВт · с = 100 Вт · с) ва мегаватт-соат (1МВт · с = 10^6 Вт · с).

ВАТУ́ТИН Николай Фёдорович (16. 12. 1901, губ. Курск — 15. 4. 1944), генерали армия (1943), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1965, баъди вафот). Аъзои КПСС аз с. 1921. Аз с. 1920 дар хизмати Армияи Советӣ, иштирокчии Ҷанги граждани. Мактаби аскарони пиёдагарди Полтава (1922), Мактаби ҳарбии мутаҳаммилии

1747 1748 1749

даи олии Киев (1924), Академияи ҳарбии ба номи Фрунзе (1929), фак-ти оперативии ҳамин академия (1934) ва Академияи Штаби генералиро (1937) хатм намуд. То Ҷанги Бузурги Ватанӣ сардори штаби дивизия, ҷонишини сардори штаби округи ҳарбӣ сардори штаби Округи ҳарбии Киев ва сардори Управлениями оперативии Штаби генералӣ буд. Дар давраи ҷанг, аз июли 1941 то мои 1942 сардори Штаби Фронти Шимолӣ-Ғарбӣ, май — июли 1942 ҷонишини сардори Штаби генералӣ ва намояндаи Ставкаи Сарфармондеҳи Олӣ дар Фронти Брянск. Ба қӯшунҳои Фронтҳои Воронеж (июль — окт. 1942, март — окт. 1943), Ҷанубӣ-Ғарбӣ (окт. 1942 — март 1943), 1-уми Украина (окт. 1943—март 1944) фармондеҳӣ кард. Қӯшунҳои Советӣ таҳти фармондеҳии В. дар мудофиаи Воронеж, муҳорибаҳои Сталинград, Курск, озод намудани Соҳили чапи Украина, ш. Киев ва Соҳили рости Украина фаъолона мубориза бурданд. Дар Киев мадфун буда, ба хотирааш ҳайкали ёдгорӣ гузоштаанд (1948). Бо орденҳои Ленин, Байраҳи Сурх, Суворов дараҷаи I, Кутузов дараҷаи I ва ордени Чехословакия мукофотонида шудааст.

ВАТЧЕНКО Алексей Федосеевич (тав. 25. 2. 1914, деҳаи Елисавето-Каменка, ҳоло дар ҳайати ш. Днепропетровск), ходими партиявӣ ва давлатии советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1973). Аъзои КПСС аз с. 1940. Аз оилаи деҳқон. С. 1938 Ун-ти Днепропетровскро хатм намуд. С-ҳои 1938—41 дар корҳои педагогӣ, 1941—45 дар сафҳои Армияи Советӣ буд. С-ҳои 1945—48 мудир, ҷонишини мудири шӯъбаи маорифи халқи ш. Днепропетровск. Аз с. 1948 дар корҳои партиявӣ. С-ҳои 1954—59 котиб, котиби дуюми Комитети партиявии вил. Днепропетровск, 1959—63 котиби якуми Комитети партиявии вил. Хмельницкий, 1963—64 котиби якуми Комитети партиявии деҳотии вил. Днепропетровск, 1964—65 котиби якуми Комитети партиявии вил. Черкас, 1965—76 котиби якуми Комитети партиявии вил. Днепропетровск. Аз июни 1976 Раиси Президиуми Совети Олии РССУ, аз окт. 1976 ҷонишини Раиси Президиуми Совети Олии СССР. Дар Съезди 22 номзад ба аъзоӣ, дар съездҳои 23, 24, 25-уми партия аъзои КМ КПСС интихоб шуд. Аъзои Бюрои Сиёсии КМ ПК Украина. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 6—9-ум). Бо 5 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, 2 ордени Байраҳи Сурх, ордени Александр Невский ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВАФО́ (ар. وفا — дурустаҳдӣ), сифати ахлоқӣ, ки хулқу атвори шахсро нишон медиҳад. В. садоқати шахсро ба аҳду паймон дар кори ҷамъият, синф, партия, ҳаракати иҷтимоӣ, иҷрои бечуну чарои ӯҳдадориҳо, садоқатро ба одамони дигаре, ки бо риштаҳои дӯстӣ, муҳаббат, никоҳ алоқаманданд, ифода мекунад. В. бо сифати ахлоқӣ-идеяноки, боварии қатъӣ ба дурустии роҳи интихобшуда, принципноки (устувории ақида ва рафтор, тобоварӣ ба душвориҳо, истодагарӣ ба муқобили фитнаҳои душман, фидокорӣ) муродиф аст. Ниг. низ *Садоқат*.

ВАФОЙ وفائی Шайх Зайнуддини Хофӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1533, Агра), шоир ва таърихнависи форсизабони Ҳиндустон. Сокини Агра (Акбаробод) буда, аз ин ҷиҳат ба Акбарободӣ маъруф шудааст. Аз аҳли дарбори Бобур ва Ҳумоюн буд. В. дар назм устоди комил буда, хусусан дар муаммо ва таърихнависӣ маҳорат доштааст. Китоби «Таърихи фатҳи Ҳиндустон» аз таълифоти мансури ӯст. «Бобурнома»-ро аз туркӣ ба форсӣ с. 1520 ӯ тарҷума кардааст. В. дар Агра, дар канори рӯди Ҷамна мадрасаву масҷиди бошукӯҳе бино кардааст, ки то имрӯз боқианд.

У. Яҳъёев.

ВАФОЙ وفائی Ҳусайн (с. тав. ва ваф. номаълум), луғатнавис ва шоири а. 16 тоҷик. Аз ӯ луғати тафсирие бо унвони «Фарҳангнома»-и Ҳусайни Вафой (таълифаш 1526) боқӣ мондааст. Бо тахаллуси «Вафой» ашъор ҳам доштааст, ки миқдоре аз абьёташ дар зимни тафсири луғати «Фарҳангнома» дучор меояд.

Ад. Рауфов Ҳ., «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс», Д., 1973. *А. Отаҳонова.*

ВАХИЕ́, ноҳияи кӯҳсор дар РСС Тоҷ., байни қ-кӯҳҳои Пётри I ва Вахшу Дарвоз. Ҳавзаи д. Хингоб (д-ҳои Хингоб, Гармо, Оби Мазор ва ғ.)-ро дарбар мегирад. Аз Ғ. ба Ш. ба масофаи 160 км тӯл кашидааст. Нуқтаи баландтаринаш 6083 м (қ. Арнавад) дар қ-кӯҳи Дарвоз. Иқлимаш континентии сернам (боришоти солона 600—1600 мм). Ландшафтҳояш: бешакӯҳ (арча, заранг, тӯс), буттазор (асосан настаран, дӯлона), марғзор, дашт, биёбони кӯҳӣ. *О. Е. Агаханянц.*

ВАХО́Н, сарзаминест дар ҷануби Вил. Автон. Бадахшони Кӯҳии РСС Тоҷ. ва шим. шарқии Афғонистон. Водии В. асосан дар ҳудуди Афғонистон аст; як қисмаш дар соҳили рости д. Панҷ аз деҳаи Лангар то деҳаи Намадгут дар терр. р-ни Ишкошим ҷойгир мебошад. Аҳолӣ аз ҷиҳати забон ба гурӯҳи қабилаҳои эронии шарқӣ мансуб буда, ба ду забон: вахонӣ (номи маҳаллиаш — хикӣ) ва тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд. Шуғли асосии аҳолӣ деҳқонӣ аст. В. а-ҳои 3—2 то м. ба ҳайати давлати Юнону Бохтар, баъдтар ба ҳайати Тахористон (а-ҳои 6 — ибт. 8 м.) ва Ғуриён (аз ох. а. 12) дохил буд. То милод қисми *Роҳи бузурги абрешим* аз В. мегузашт. Дар аҳди *Кушониён* В. ҳамчун истеҳкоми пуриқтидори мудофиа аз бодиянишинон аҳамияти калон дошт. Дар а-ҳои 6—8 ба ҳайати давлати Ҳайтолиён дохил буд. Ҳангоми ҳафриёти қабристонҳои Эмутк ва Мизилдигар осори маданияти моддии а-ҳои 5—6 маълум гардид. *М. Бубнова.*

ВАХО́Н, каторкӯҳ дар ҷан. Помири РСС Тоҷ. ва шим. шарқи Афғонистон, байни д-ҳои Помиру Истиқ ва Вахону Оқсу. Ба системаи к-ҳои Ҳиндукуш дохил мешавад. Тӯлаш 160 км. Баландиаш ба ҳисоби миёна 5000 м, нуқтаи аз ҳама баландаш 6504 м (қ. Барфин). Асосан аз ҷинсҳои фишондашуда ва метаморфӣ таркиб ёфтааст. Нишебаҳояшро водиҳои васеъ бурида мегузаранд. Теға ва нишебаҳои қ-кӯҳ бо барфу пирьяхҳо пӯшида шудаанд. Майдони умумии барфу пирьяхҳо 703 км².

О. Е. Агаханянц.

ВАХОНИҲО́, ниг. *Халқҳои Помир.*

ВАХТА́НГИ VI (1675 — 3. 1737, Аштархон), ҳоким, с-ҳои 1703—24 шоҳи Картли (аз 1712 то 1719 шоҳи Эрон аз тахт маҳрумаш карда буд), нависандаи гурҷӣ, олим ва ходими сиёсӣ. Дар сиёсати берунӣ тарафдори ҳамкорӣ бо Россия буд. Бо роҳбарии В. VI «Маҷмӯи қонунҳо», «Дастуруламал» оид ба идораи давлат тартиб дода шуд. С. 1709 бо ташаббуси ӯ дар Тифлис аввалин матбааи гурҷӣ ташкил ёфт, ки дар он баробари китобҳои динӣ асарҳои дуньявӣ низ чоп мешуд. Мас., с. 1712 достони «Паҳлавони палангинапӯш»-и Ш. Руставели аввалин бор нашр гардид. В. VI барои тартиб додани таърихи а-ҳои 14—18-и Гурҷистон комиссияи олимонро ташкил намуд. В. VI ба таҷовузи туркҳо муқобилият нишон дода натавониста, с. 1724 ба Россия ҳиҷрат кард. Дар муҳоҷират алоқаи худро аз Гурҷистон наканд ва нақшаи озодшавии онро мекашид. В. VI шоир, луғатшинос ва тарҷумон буд. С-ҳои 1714—16 «Калила ва Димна»-ро ду карат тарҷума кард.

ВАХТА́НГОВ Евгений Багратионович (13. 2. 1883, Владикавказ, ҳозира Орҷоникидзе — 29. 5. 1922, Москва), актёр ва режиссёри советӣ. Дар факти табиатшиносӣ ва ҳуқуқшиносии Ун-ти Москва таҳсил кардааст. С. 1911 мактаби театрии А. И. Адашевро тамом карда, ба Театри бадеии Москва (МХТ) дохил шуда, якчанд рольҳоро иҷро намуд. Шогирди *К. С. Станиславский.* С. 1912 баъди ташкили студияи якуми Театри бадеӣ ба ин ҷо ҳамчун актёр ва режиссёр қабул гардид. Рольҳои ӯ: Фрезер («Обхезӣ»-и Ю. Х. Бергер, 1919), Ширинкор («Шаби дувоздаҳум»-и У. Шекспир, 1919). В. яке аз аввалин режиссёрҳоест, ки революцияро тарафдорӣ кард ва дар

ВЕНГРИЯ



Дар фабричаи №4 СУГИ с 1977 ҳанӯз ва нашр карда шуд

ВЕНГРИЯ, ХАРИТАИ ИКТИСОДИ


ВЕНА
БУДАПЕШТ
Дебрецен
Миш
Ньиредьхаза
Кишварда
Тиса
Дунай
Драва
Сава
Орадя
Арад
Тимишоара
Мохач
Беремед
Харкань
Печ
Печварад
Сексард
Беньхад
Комло
Хидаш
Капошвар
Домбовар
Надьатад
Бабоча
Шиофок
Надьманьок
Надьканижа
Тольна
Пакш
Байя
Суботица
Калоча
Кечкемет
Кишкунфеледьхаза
Кишкунхалаш
Иллеш
Сонк
Надькерешь
Солнок
Будьи
Цеглед
Шимонторнья
Дунаújварош
Сексфехервар
Секешфехервар
Шарвар
Сомбатхей
Сентготхард
Залаэгерсег
Надькендьешь
Хевиз
Тапе
Сегед
Мако
Маруш
Баттонья
Мезетур
Мартфи
Ракошфальва
Теркесентмиклош
Карцаг
Кунмадараш
Кишкёре
Хайдусобосло
Бельмазидаваш
Хайдунанаш
Хайдубесермень
Тисаполгар
Тиса
Мезенкерестеш
Ньиредьхаза
Матесалка
Ньирбогдань
Тиса
Тиса
Тиса

ниҳодани пойдевори театри советӣ саҳми арзанда гузошт. Дар пьесаҳои А. П. Чехов «Тӯй», М. Метерлинк «Мӯъҷизоти ҳазрати Антоний», ки В. с-ҳои 1920—21 ба саҳна гузоштааст, олами буржуазӣ ва ҳисси молпарастӣ зери танқид гирифта шудааст. Охирин спектакли В. «Маликаи Турандот» (1922) саршори рӯҳи пекбинӣ ва шодмонӣ мебошад. Эҷодиёт ва фаъолияти педагогии В. барои инкишофи театри советӣ аҳамияти махсус дошт. Дар асоси студияи Вахтангов Театри давлатии драмавии ба номи Евг. Вахтангов таъсис ёфтааст.

Ад.: Горчаков Н. М., Режиссёрские уроки Вахтангова, М., 1957; Симонов Р., С Вахтанговым, М., 1959.

Н. Нурчонов.

ВАХШ, Охшо, Оахшо, номи олиҳаи обу объёрӣ дар тасаввури бохтариёни қадим. Яқин аст, ки аз калимаи «вахшу»-и форсии қадим баромадааст. Дар забони «Авесто» «вахш» истилоҳе мебошад, ки маъноии луғавияш «сухани гуфташуда» аст, дар забони суғдӣ бо «логос»-и юнонӣ (мафҳум, сухан, гуфтор) ҳаммаъност. Дар забонҳои миёнаи эронӣ В. ба маъноии «рӯҳ» истифода шуда, баъзан «оби ҷорӣ»-ро низ ифода мекардааст. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ калимаи «вахшу» номи Амударёст, ки юнониён онро бо калимаи ба он ҳамоҳанги Оксус ном мебурданд. Дар катибаи рӯи санге, ки дар музеи Калкатта маҳфуз аст, В. худои яккаву ягона номида мешавад.

Тасаввуроти ҳамчун худо пиндоштани В. дар Осиёи Миёна то асрҳои миёна ҷараён доштааст. Дар а. 11 Беруниӣ хабар медиҳад, ки хоразмиён иде бо номи «вахшангам» (вахшҳангом) доранд ва илова мекунад, ки В. номи малоикаест нозири об ва махсусан д. Ҷайҳун. Минбаъд ва ҳолоно ин олиҳаи қадимаро танҳо яке аз шохаҳои д-ҳои Панҷу Аму, яъне д. Вахш нигоҳ доштааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки маҳз дар ҳамин ҷо, яъне дар ҷан. Тоҷикистон эътиқод ба рӯҳи олиҳаи об — В. пойдортар будааст.

Ад.: Гафуров Б. Г., Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история, М., 1972.

А. Абдуманнонов.

ВАХШ, дарьё дар ҷан. ғарби РСС Тоҷ., шохоби рости д. Аму. Тӯлаш 524 км (бо д. Сурхоб), масоҳ. ҳавзааш 39 100 км². Қисми зиёди ҳавза дар худуди системаи к-ҳои Помиру Олой воқеъ аст. Аз якшавии д-ҳои Қизилсую Муғсу ба вуҷуд меояд ва бо номи д. Сурхоб ба Ғ. ҷорӣ мешавад; баъди ҳамроҳ шудани д. Хингоб (аз чап) дарьё В. ном мегирад ва ба Ҷан. Ғ. равон мегардад. В. бештар аз водии танг ва дараҳои чуқур гузашта, 170 км болотар аз резишгоҳаш ба водии васеи Вахш мебарояд ва ба якчанд шохаҳо тақсим мешавад. Манбаи оби дарьё асосан пирьях ва барф. Давраи обхезӣ — аз май то сент. Сарфи об ба ҳисоби миёна — 660 м³/сон.; аз ҳама бисьёртар (июль) — 3120 м³/сон., камаш (февр.) — 130 м³/сон. Захираи калони оби В. барои объёрии заминҳо ва гидроэнергетика истифода мешавад. 38% захираи гидроэнергетикии ҳавзаи д. Амуро В. ташкил медиҳад. Дар В. ГЭС-и Сарбанд кор мекунад; сохтмони ГЭС-и Норак идома дорад (иқтидораш 2,7 млн кВт, окт. 1977 агрегати шашуми он ба кор даромад); буньёди калонтарин ГЭС-и Осиёи Миёна — Роғун ҳам оғоз ёфтааст. Иншоотҳои калони ирригационӣаш — гидроузели *Бойғозӣ*, кан-ҳои Вахш, Шӯрообод ва ғ. Дар соҳилҳои В. ш-ҳои Норак, Қӯрғонтеппа ва Калининобод воқеъ гаштаанд.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 512—513.

Ю. С. Усков.

ВАХШ, водӣ дар қисми ҷан. ғарбии РСС Тоҷ., дар ҷараёни мобайнӣ ва поёнии д. Вахш. Тамоми терр. вил. Қӯрғонтеппаро дарбар мегирад. Водӣ аз се тараф бо кӯҳҳои на он қадар баланд (қ-кӯҳҳои Туюнтоғ, Оқтоғ, к-ҳои Рангон, Қаротоғ, Тераклитоғ) иҳота шуда, дар Ҷ. кушод аст.

Лимуғундорӣ дар с-зи ба номи Н. Қаробосви р-ни Вахш.

Баландии водӣ аз с. б. 300—500 м. Аз Шим. ба Ҷ. (то д. Панҷ) 110 км тӯл мекашад, бараш то 30 км. Масоҳ. қариб 11,5 ҳаз. км². Водии В. аслан пастхамии байникӯҳӣ буда, рельефи ҳозираи он аз таъсири процессҳои эрозиявию аккумулятивии д. Вахш ташаккул ёфтааст. Сатҳаш ҳамвор, ба Ҷ. ҳаме паст шуда меравад. Конҳои газ, нефть, масолеҳи бинокорӣ (гил, рег, шағал, гач, оҳаксанг) ёфт шудаанд. Дар поёноби Вахш қӯруқи давлатии *«Полвонтӯқай»* воқеъ аст. Иқлими водӣ континентӣ, субтропикии хушк. Тобистон хеле гарм (ҳарорҳо то 46° С), зимистон нарм (ҳарорамиёнаи июль 28,9°—31° С, баъзе рӯзҳо то 46° С), баъзе рӯзҳо янв. 0,9—3° С). Боришоти солона 200—300 мм; аз ҳама зиёд февр.—март. Дар водӣ хокҳои хокистарранг, дар баъзе қитъаҳо шӯрхок, дар ҷойҳои пасти назди соҳилҳои дарьё хоки аллювиалии бешагӣ ва марғзорию ботлоқӣ паҳн гаштааст. Дар заминҳои нокорам набототи биёбонию нимбиёбонӣ: явшон, шӯра ва растаниҳои эфемерӣ — рондон, ҷорӯбак, ғеша, нахӯдак; дар тӯқайзори назди маҷроҳои д. Вахш дарахтони туранга (бруҷ), санҷид, буттаҳои газ, инчунин ширинбуя, най, лух, эриантус меруёнд. Дар тӯқайзор аз ҳайвонот заргуш, хонгул, гуроз, шагол, кафтор, рӯбоҳ, гурбаи найзор; аз парандагон тазарв, дуғдоғ, мурғоби, лаклак ва ғ. вомехӯранд.

То Рев. Каб. Соц. Октябрь водии В. биёбони тӯқайзор ва ноҳияи хеле камаҳолӣ буд. Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ, баъд аз сохта шудани як қатор иншоотҳои ирригационӣ (калонтаринаш канали магистралии Вахш) қариб 100 ҳаз. га замин обӣ гардид. Водӣ аз рӯи истеҳсоли пахтаи маҳиннах дар СССР ноҳияи калонтарин буда, беш аз 41% ҳосили умумии пахтаи республикаро медиҳад. Аз зироати техникӣ ғайри пахта заҳиру анҷибар (анҷибарпарварӣ асосан дар қисми ҷан. водӣ, дар с-зи махсусгардонидаи «Гераньӣ»-и р-ни Қумсангир) кошта мешавад. Аз зироати ғалла: ғандум, ҷав, ҷуворимакка, сулӣ ва шолӣ мекоранд. Сабзавоткорӣ, токпарварӣ, зироати цитрусӣ (лиму, анор, анҷир, хурмо) низ ривоҷ меёбад. К-зҳои ба номи Ленин

Ангурканӣ дар Иттиҳодияи агросаноатии Қӯрғонтеппа.

Ҷамъоварии мошинии пахта дар с-зи «Съезди 24 партия», р-ни Куйбышев



(р-ни Кумсангир), ба номи Ленин (р-ни Қурғонтеппа), с-зи ба номи Н. Қаробоев (р-ни Вахш), «40-солагии Октябрь» (р-ни Колхозобод) хоҷагиҳои калони цитруспарварианд. Чорводорӣ низ соҳаи муҳими х. қ.-и водӣ ба ҳисоб меравад. Чорво асосан дар чарогоҳҳои мавсимӣ парвариш меёбад. Массивҳои чарогоҳӣ дар суфаҳои қадими д. Вахш ва доманакӯҳҳо ҷойгиранд. Дар В. махсусан ба парвариши гов, инчунин гӯсфандони қарокӯлӣ аҳамияти калон дода мешавад. Аксари хоҷагиҳои В. кирмаки абрешим ва занбӯр мепарвараранд.

Саноати водӣ дар замони советӣ ба вуҷуд омад. Баробари сохта шудани як қатор станцияҳои электрикӣ — Сарбанд, Шаршара, Марказӣ (иқтидори умумиашон беш аз 260 ҳаз. кВт) саноати водӣ вусъат ёфт. Дар ш. Қурғонтеппа, ки маркази калони иқтисодии водӣ мебошад, з-дҳои пахта, равған, гӯшт, шир, трансформатор, консерви сабзавоту мева, нон,

Намуди умумии ГЭС-и Сарбанд дар д. Вахш.

пиво ва ғ., дар ш. Калининобод з-ди нурихои нитрогении Вахш, дар посёлкои Уялӣ, Киров, Ҷилликӯл з-дҳои пахта сохта шуданд. Дар як қатор муассисаҳо: Филиали Ин-ти тадқиқоти илмии зироати Вазорати х. қ.-и РСС Тоҷ., Станцияи хоку мелиоративии Ин-ти хокшиносии Вазорати х. қ.-и РСС Тоҷ. (дар р-ни Қурғонтеппа) ва Станцияи минтақавию таҷрибавии растаниҳои субтропикии Ин-ти зироати Вазорати х. қ.-и РСС Тоҷ. (дар Колхозобод) корҳои илмӣ бурда мешаванд.

Водӣ роҳи мошингарди бисёре дорад. Муҳимтаринаш — магистрали Душанбе — Қурғонтеппа — Колхозобод — Дӯстӣ — Панҷ. Р. о. камбари Душанбе — Қурғонтеппа — Панҷи Поён якчанд районҳои водиро бо Душанбе пайвастааст. Р. о сербари Тирмиз — Қурғонтеппа — Ёвонро то ш. Қурғонтеппа сохта ба истифода додаанд. Водии В. қисми таркибии *Комплекси минтақавии истеҳсолии ҷанубӣ Тоҷикистон* аст. (Ниг. низ вил. *Қурғонтеппа*).

ВАХШ, каторкӯҳ дар ҷан. ғарби РСС Тоҷ., бахшгоҳи водии д-ҳои Вахш ва Қизилсу. Аз Ч. Ғ. ба Шим. Ш. ба масофаи 80 км тӯл мекашад. Баландиаш ба ҳисоби миёна 1500—2000 м, қуллаи баландтаринаш—Ҳазрати Шоҳ (3141 м). Аз қисми марказии В. ба Ч. кӯҳе ҷудо мешавад, ки Илонтоғ (баландиаш то 1760 м) ном дошта, бахшгоҳи водии д-ҳои Қизилсу ва Тоҳирсу мебошад. В. аз конгломерат, регсанг, оҳаксанг ва гилҳои давраи табошир таркиб ёфтааст. Иқлимаш хушки континентӣ, тобистон гарм, зимистон нарми мӯътадил. Ҳарор. янв. аз —4° то —7° С, июль 22°—24° С. Дар нишебаҳои кӯҳ дарахту буттаҳо — фарк, арча, писта, шулаш, бодом, хуч, дӯлона ва ғ.; аз алафҳо асосан бомус, типчак, гандумак, уғаи, камол ва ғ. меруянд. В. чарогоҳи тобистона аст.

ВАХШ, райони маъмурии вил. Қурғонтеппаи РСС Тоҷ. Санаи ташкилаш 6. 1. 1965; дар водии Вахш воқеъ гаштааст. Аз маркази район то ш. Душанбе 115 км, то ш. Қурғонтеппа 15 км, то ст. р. о. наздиктарин (Қурғонтеппа) 24 км. Масоҳ. 1101,4 км². Аҳол. 104,6 ҳаз. наф. (1977), асосан тоҷикон; инчунин ӯзбекҳо, русҳо, немисҳо, тоторҳо ва миллатҳои диг. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 91,5 наф. Дар район 6 С. қ.: Меҳнатобод, Тоҷикобод, Оқгаза, Роҳи Ленин, Машъал, Янгиобод ва 4 птш — Вахш (маркази р-н), Орзу, Октябрь ва Киров.

Сатҳи терр. район асосан ҳамвор буда, аз с. б. 400—500 м баланд аст. Дар қисми шарқиаш баландиҳо воқеъ буда, тадричан ба қ-кӯҳи Тераклитоғ мегузаранд. Сарватҳои зеризаминиаш — масолеҳи бинокорӣ (гил, рег, шағал). Иқлими В. континентии субтропикӣ. Тобистон гарми хушк, давомнок. Ҳарор. миёнаи июль 28,9°С, гармтаринаш 43° С. Зимистон нарми камбарф. Ҳарор. миёнаи янв. 0,9° С. Боришоти солона 260—270 мм. Давраи нашв (аз 5° С зиёд) 300 рӯз. Дар В. бештар хоки хокистарранг, дар қисми ҷан. ғарбиаш шӯрхок дида мешавад. Растаниҳояш нимсаванниги (ғешаю ҷорӯбак). Аз ҳайвоноти ваҳшӣ гург, шағол, рӯбоҳ, аз хазандаҳо мор, сангпушт, аз паррандаҳо гунҷишк, фароштурук, кабк, бедона ва ғ. вомехӯранд. Аз терр. район д. Вахш мегузарад. Заминҳо ба воситаи кан. магистралии Вахш, ки аз он ҷӯю наҳрҳои диг. оғоз мешаванд, обьёрӣ мегарданд. Барои обшӯи заминҳо як қатор станцияҳои насосӣ кор мекунанд, чоҳу заҳбурҳо канда шудаанд.

Р-ни В. дорои х. қ.-и мутараққиё. Соҳаҳои асосии хоҷагиаш пахтакорӣ, махсусан пахтаи навъи маҳиннах аст. Инчунин полизу боғдорӣ, чорводорӣ ва кирмакдорӣ тараққӣ кардааст. С. 1977 дар В. 3 к-зи пахтакор, 5 с-з, як Иттиҳодияи байниколхозии гӯсфандпарварӣ ва як ф-каи паррандапарварӣ мавҷуд буд. К-зҳо ва маркази онҳо: «Коммунизм» (Меҳнатобод), «Ленинград» («Роҳи Ленин»), «Москва» (Оқгаза). С-зҳо ва маркази онҳо: «Машъал» (пос. Вахш), ба номи Киров (Киров), «Вахш» (Янгиобод), «Гулистон» (Орзу), «Туркманистон» (Тоҷикобод). Майдони умумии заминҳои х. қ. (1. 11. 1976) 149613 га, аз ҷумла заминҳои корам 25843 га, пахтазор 17976 га (навъи маҳиннах 11946 га), кишти ғалла 2665 га, картошкаю обчакорӣ 291 га, зироати хӯроки чорво 4911 га. Майдони боғ 82 га, зироатҳои цитрусӣ 59 га, такзор 600 га. Аз зироати ғалладона гандум, ҷав, шолӣ ва ҷуворимакка мекоранд. Обу ҳавои В. барои боғу токдорӣ ва зироати цитрусӣ — лиму мувофиқ аст (с-зи боғу токдории «Октябрь», с-зи лимупарварии ба номи Н. Қаробоев). Соҳаи дигари муҳими хоҷагии район—чорводорӣ. Саршумори чорво дар к-зу с-зҳо (1. 8. 1977): гов 14338 сар, гӯсфанду буз 85451 сар, хук 3027 сар. С. 1976 к-зу с-зҳои район ба давлат 50619 т пахта, 1059 т ғалла, 2010 т сабзавот, 5574 т зироатҳои полизӣ, 9226 т ангур, 5386 ҳаз. дона лиму ва 110 т пилла фурӯхтанд. Соҳаи асосии саноати район истеҳсоли қувваи электр ва коркарди маҳсулоти х. қ. мебошад. Дар кан. магистралии Вахш 2 станция — Шаршара (1958) иқтидораш 30 ҳаз. кВт ва Марказӣ (1964) иқтидораш 18 ҳаз. кВт сохта шудааст. Дар с-зи ба номи Киров з-ди пахта ва дар с-зи боғу токдории «Октябрь» з-ди вино мавҷуданд. Район инчунин дороии якчанд устохонаи таъмири техникаи х. қ. ва муассисаҳои хизматрасонӣ мебошад. Аз терр. район р. о. камбари Душанбе — Қурғонтеппа — Панҷи Поён ва р. о. сербари Тирмиз — Қурғонтеппа—Ёвон мегузарад. Роҳҳои автомобильгард В.-ро бо ш-ҳои Қурғонтеппа ва Душанбе пайвастаанд.

Соли хониши 1976/77 район 79 мак-

таби таълими умумӣ, аз ҷумла 28 мактаби миёна, 13 мактаби 8-сола, 38 мактаби ибтидоӣ ва 21 клуб, 31 китобхонаи оммавӣ ва ғ. дошт. Газетаи район — «Вахш». *Н. Т. Долаев.*

ВАХШ, птш (аз 27 дек. 1937 то 6 янв. 1965 Вахшстрой), маркази маъмурии р-ни Вахши вил. Қӯрғонтеппа. Аҳол. 9463 наф. (1976), асосан тоҷикон, инчунин русҳо, ӯзбекҳо ва немисҳо. Аз В. то Қӯрғонтеппа 15 км ва то ст. р. о. Қӯрғонтеппа 24 км. Дар В. комб. хизмати маншӣ (либосдӯзӣ, пойафзолдӯзӣ, суратгирӣ, оҳангарӣ ва ғ.), иттиҳодияи районии «Тоҷиксельхозтехника», идораи системаи обьёрии Вахш, идораи сохтмон, базаҳои автомобилии рақамҳои 3 ва 25, колоннаҳои сайёри механиконидашудаи 1, 20, 28, омӯзишгоҳи касбию-техникӣ, 2 мактаби миёна, 1 мактаби 8-сола, 4 мактаби ибтидоӣ, мактаб-интернат, мактаби мусиқӣ, хонаи пионерон, боғи маданият, стадион, китобхона, 5 чойхона, 5 ошхона, универмаг, ресторан, дорухона, беморхона (140 кат), пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа ва ғ. мавҷуданд.

ВАХШ, деҳа дар С. қ. Тельман, р-ни Қумсангири вил. Қӯрғонтеппа; маркази к-зи «Победа». Аҳол. 2122 наф. (1976), тоҷикон. Аз В. то маркази С. қ. 3 км, то район 15 км, роҳ асфальт. Мактаби миёна, клуб, хонаи маданият, касалхона, шӯъбаи алоқа, кассаи амонатӣ, ошхона, универмаг, магазин, устохонаи таъмири мошину трактор, ҳаммом ва ғ. дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — пахтакорӣ, обчакорӣ, лимупарварӣ ва боғу токдорӣ. Заминҳо ба воситаи канал аз д. Вахш обьёрӣ мешаванд.

«ВАХШ», газета, органи комитети районии ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои халқии р-ни Вахш. Аз с. 1932 ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ ҳафтае се бор чоп мешавад. Дар аввал «Большевики Қӯрғонтеппа» ном дошт. Аз № 6 (769) 13 янв. 1953 номаш «Коммунисти Қӯрғонтеппа» шуд. Аз № 1 (224) 11 май 1962 «Иҳтихори Вахш» ном гирифт. Аз 21 апр. 1963 ба газета номи «В.» дода шуд. Тиражаш 10200 нусха (1978).

ВАШАН, деҳа дар С. қ. Урметани р-ни Айнии вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Ӯзбекистон». Аз В. то маркази С. қ. 6 км, то район 38 км, то роҳи автомобильгарди Айнӣ — Панҷакент 6 км. Аҳол. 833 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, пункти тиббӣ, магазин, клуб дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — тамокукорӣ, чорводорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз оби дарьёчаи Вашан обьёрӣ мешаванд.

ВАШИНГТОН (Washington) Ҷорҷ (22. 2. 1732, Бриҷс-Крик, Виргиния — 14. 12. 1799, Маунт-Вернон), арбоби давлатӣ, аввалин президенти ШМА (с-ҳои 1789—97). Аз оилаи плантаторӣ сарватманд. Ибтидои Ҷанги ҳафтсола (1756—63) дар рутбаи полковник фармондеҳи қӯшунҳои Виргиния буд. С. 1774 ба Конгресси 1, с. 1775 ба Конгресси 2 континентӣ интихоб гардид. Дар ибтидои ҷанги мулкҳои Англия дар Америкаи Шимолӣ баҳри истиқлолият конгресс В.-ро сарфармондеҳи қӯшунҳои мусаллаҳи шуришгарон интихоб кард (15 июни 1775). Дар ин вазифа истеъдоди лашкаркашӣ ва ташкилотчигии ӯ зоҳир гардид. С. 1787 таҳти роҳбарии В. конституцияи ШМА таҳия шуд. С. 1789 президенти ШМА интихоб шуда, сиёсати консервативиро пеш гирифт. В. яке аз асосгузорони системаи сиёсии дупартиявӣ дар ШМА аст. В. ба таъриҳи Америка чун ходими тараққипарвар дохил шудааст, зеро вай муборизаи мустамликаҳоро баҳри истиқлолият дастгирӣ намуд, вале В. чун революционери буржуазӣ манфиати синфҳои дороро ҳимоя мекард.

ВАШИНГТОН (Washington), пойтахти ШМА. Дар поёноби д. Потомак воқеъ аст. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба округи махсуси федералии Колумбия ҷудо карда шудааст, ки аҳолиаш 722,7 ҳаз. наф.; бо атрофаш (штатҳои Мэриленду Виргиния) 3 млн наф. (1974). Узели роҳҳои ҳавоӣ ва 5 магистрали р. о. Корхонаҳои саноатиаш (ғайр аз полиграфӣ) асосан барои аҳолии шаҳр маҳсулот (нон, қанд, шир ва ғ.) мебароранд. 5 ун-т (аз ҷумла ун-тҳои Говард ва Ҷ. Вашингтон), Академияи фанҳои миллӣ; ин-тҳои илмии Карнеги, Брукингс, Смитсон; Нигористони миллии санъат, китобхонаи Конгресс, академияи ҳарбӣ, музейҳо, ҷамъиятҳои илмӣ ва ғ. дорад.

В. с. 1791 бунёд ёфта, ба шарафи президенти нахустини ШМА Ҷ. Вашингтон номида шудааст. Дар В. қаророгоҳи президент — Қасри Сафед ва биноҳои Конгресс — Капитолий, департаменти давлатӣ, вазоратҳо (ҳарбӣ — Пентагон, дар маҳалли наздишаҳрии Арлингтон, соҳили рости д. Потомак ва ғ.) воқеанд. В. аз шабакаи зиёди кӯчаю хиёбонҳои росту васеъ, ки ба биноҳои Капитолий оварда мерасонад, иборат аст. Кӯчабоғи васеи Молл биноҳои Капитолийро бо Қасри Сафед мепайвандад. Шаҳрро хиёбону боғҳои зиёд (масоҳ. қариб 2800 га) ва муҷассамаҳои хотиравии Ҷорҷ Вашингтон, Авраам Линкольн, Томас Ҷефферсон оро додаанд. Дар қисми шим. ғарбии шаҳр биноҳои давлатӣ ва дар ҷан. ғарбиаш бандари дарьёию анборҳо мавҷуданд. Манзилгоҳи хизматчиёни ҳурд ва зангиҳо дар қисми шим. шарқӣ ва ҷан. шарқӣ ҷой гирифтаанд. Дар маҳалҳои кабудизоргаштаи наздишаҳрӣ коттеҷу виллаҳо воқеанд.

Вашингтон. Намуди қисми шаҳр. Дар маҳали пеш — Қасри Сафед.

ВАЎВОИ ДИМИШҚӢ الوأواء الدمشقي Абулфараҷ Муҳаммад ибни Аҳмади Ғассонӣ (с. тав. номаълум — ваф. такр. 990), шоири араб. Аз табақаҳои поёни аҳолии Димишқ баромадааст. Қасидаҳои В. Д. асосан дар пайравии Абӯтаммом ва Мутанаббӣ гуфта шудаанд. Дар мадҳия ва як қисми ашъори лирикиаш услуби тасвири тоисломии назми арабро давом додааст. Истеъдоди баланди шоирии ӯ махсусан дар развиёт ва навриёт — васфи боғоту гулҳо зуҳур кардааст. Мазмуни баланд, назокат ва дилчаспии ашъори В. Д. сабаби интишор ёфтан ва машҳур гардидани сурудаҳояш шудаанд. Дар нусхаи арабии китоби «Ҳазору як шаб» аз шеърҳои В. Д. иқтибос зиёд аст. *А. Аҳмадҷонзода.*

ВАҒАШТӢН, деҳа дар С. қ. Шинги р-ни Панҷакенти вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Правда». Аз В. то маркази С. қ. 4 км, то район 39 км. Аҳол. 420 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, клуб, ошхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — тамокукорӣ, чорводорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз д. Шинг обьёрӣ мешаванд.

ВАҒНИЧ (Cerasus verrucosa), бутаест мансуби *настаранҷо*. Баландиаш 50—300 см, асосан дар Осиёи Миёна (Помиру Олой, Тиёншон) паҳн шудааст. Барги байза ё нештаршак-

ли парра-парраи дар давраи дуюми нашваш бемӯяк, гули гулобии дурахшон, косабаргҳои секунҷаи борик ё паҳни аз дарун мӯякноку аз берун бемӯяк, меваи гулобии сширaи таъмаш нордон, донаки мудаввари байзашакл дорад. В. асосан дар минтақаи арчазор, шибляк, бешаҳои ксерофилии камдарахт паҳн шудааст.

ВаҒнич: 1 — навдаи нашвӣ; 2 — шохчаи мевадор; 3 — мева; 4 — шохчаи гулдор; 5 — гул.

Ба В. олуболу ва олу пайванд намуда, боғҳои лалмӣ буньёд кардан аз чиҳати иқтисодӣ фоиданок аст. В.-зорҳо хоки соҳил ва ёнаҳои кӯҳро аз шусташавию бодхӯрдашавӣ нигоҳ медоранд.

Ад.: Флора Таджикской ССР, т. 4, Л., 1975.

«ВАҚОЕИ ҒАРОИБ» وقایع غرایب асари географии муаллифи номаълуми а. 16, ки дар жанри космографии «аҷоибот» таълиф шудааст. Маълумоти пуррарзиши географӣ (тавсифи офатҳои табиӣ ва унсурҳои таркибии он—об, хок, оташ, ҳаво; тавсифи ҳафт сайёра ва бурҷҳои дувоздаҳгона; характеристикаи таърихию географӣ ва этнографии мамлакатҳо, вилоятҳо, шаҳрҳо, дарьёҳо, системаи кӯҳҳо, баҳру кӯлҳо, инчунин тавсифи ҳар гуна аҷоиботу ғароибот)-ро дарбар мегирад. Дар асар оид ба табиатшиносӣ, минералогия, анатомия ва физиологияи одам материалҳои ҷолиб, инчунин тавсифи олами наботот ва ҳайвоноти минтақаҳои гуногуни географӣ, тасвири баъзе офатҳои табиӣ (заминҷунбӣ, сангфурӯй ва ғ.) фароҳам омадааст. «В. Ғ.» характери таснифӣ дошта, ба маълумоти сарчашмаҳои географии а-ҳои 10—11 («Аҷоиб-ул-булдон», «Мухтасар-ул-ғароиб», «Аҷоиб-ул-махлуқот», «Алмасолик ва-л-мамолик» ва ғ.) асос ёфтааст. Маълумоти таърихию географӣ ва этнографӣ, ки оид ба шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр (Хоразм, Фарғона, Хатлон, Бадахшон, Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Марв ва ғ.) ва аҳолии он оварда шудааст, барои омӯзиши таърихи тамаддуни асрҳои миёнаи Осиёи Миёна аҳамияти калон дорад. Дастхати нодири асар дар фонди дастхатҳои АФ РСС Тоҷ. маҳфуз аст.

Ад.: Каталог восточных рукописей АН Таджикской ССР, т. 1, Сталинабад, 1960.
Ю. С. Мальцев.

ВАҚТ, яке аз шаклҳои асосии мавҷудияти материя. В. объективона вуҷуд дошта, бо материяи мутаҳаррик бевосита алоқаманд аст (ниг. *Фазо ва вақт*).

Соҳаҳои гуногуни илму техника бо проблемаи чен кардани В. сару кор доранд. Аз қадимулайём В.-ро дар асоси ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, мас., Замину Моҳ чен мекарданд. Дар натиҷа, мафҳумҳои ҳафта, моҳ, сол пайдо шуданд. Шабонарӯзро аввал ба 12 соати равшанӣ (рӯз) ва 12 соати торикӣ (шаб), сонитар ба 24 соати баробар тақсим карданд. Бо тақозои замон сохти асбобҳо такмил ёфта, саҳеҳтар чен кардани В. имконпазир гашт. Дар соатҳои ҳозиразамон системаи ҳисоби В. аз рӯи процессҳои даврӣ — лаппиши шоҳина, раққосак, лавҳачаи кварцӣ ва ғ. шакл мегирад. Дар соатҳои кварции саҳеҳ устувории лаппиши лавҳачаи кварцӣ бо ёрии генераторҳои квантӣ, ки корашон ба процессҳои даврии дар атом ва молекулаҳо вуҷуддошта асос ёфтааст (соатҳои атомӣ), назорат карда мешавад. Дар атрофи меҳвари худ даврзании Замин нисбат ба ситораҳо В.-и ситорагиро муайян мекунад. В.-и ситорагиро нисбат ба нуқтаи эътидоли баҳорӣ чен мекунанд, ки ҳаракати ин нуқта байни ситораҳо маълум аст. Лаҳзаи авҷи болои он оғози шабонарӯзи ситорагӣ қабул карда мешавад. Шабонарӯзи ситорагиро ба соат, дақиқа ва сонияҳои ситорагӣ тақсим мекунанд. В.-и ситорагӣ, ки бевосита аз мушоҳидаҳои астрономӣ муайян карда мешавад, барои мувофиқати нишондоди соатҳои системаи ҳисобашон астрономӣ, мушоҳидаҳои гуногуни астрономӣ, ченкуниҳои геодезӣ, навигация ва ғ. зарур аст. Дар амалияи ҳаррӯза аз В.-и офтобӣ истифода мебаранд. В.-и офтобии ҳақиқиро аз рӯи ҳаракати зоҳирии шабонарӯзии Офтоб, ки лаҳзаҳои авҷи боло ва поёни он мувофиқан нисфирӯзи ҳақиқӣ ва нисфишаби ҳақиқӣ ном доранд, муайян мекунанд. Фосилаи вақти байни ду авҷи якхелаи пайдарпаи Офтобро шабонарӯзи офтобии ҳақиқӣ меноманд. Бо сабаби ҳаракати номунтазами Замин дар мадор ва ҳаракати зоҳирии солонаи Офтоб дар эклиптика давомияти шабонарӯзи офтобии ҳақиқӣ як хел нест, яъне системаи ҳисоби вақти офтобии ҳақиқӣ номунтазам аст. Аз инҷо мафҳуми шабонарӯзи офтобии миёна бармеояд. Фарқи байни В.-и ҳақиқӣ ва В.-и офтобии миёнаро муодилаи вақт меноманд, ки дар давоми як сол аз —14 дақиқаю 22 сон. то + 16 дақиқаю 24 сон. тағйир меёбад. В.-и офтобии миёнаро бо ёрии В.-и ситорагӣ дар асоси таносуби зерин, ки бо мушоҳидаҳои сершумор муқаррар гардидааст, назорат мекунанд: 365, 2422 шабонарӯзи офтобии миёна = 366, 2422 шабонарӯзи ситорагӣ, аз инҷо: 24 с вақти ситорагӣ = 23 с 56 дақиқаю 4,091 сон вақти офтобии миёна; 24 с вақти офтобии миёна = 24 с 3 дақиқаю 56, 455 сон вақти ситорагӣ.

Дар меридианҳои гуногуни Замин лаҳзаҳои авҷи ҳам нуқтаи эътидоли баҳорӣ ва ҳам Офтоби ҳақиқию миёна дар як лаҳзаи физикӣ ба вуҷуд намеоянд. Ба ҳамин сабаб В. дар меридианҳои гуногун ҳар хел аст: ҳангоми ба самти Шарқ 15° тағйир ёфтани тӯл вақти ситорагӣ ва вақти офтобии миёна 1 соат зиёд мешавад (ниг. *Вақти минтақавӣ*, *Вақти маҳаллӣ*). В.-и офтобии миёнаи маҳаллии меридиани нулӣ (меридиани Гринвич)-ро вақти ҷаҳонӣ меноманд.

Барои истифодаи пурраи қисми равшани шабонарӯзи баҳорӣ дар баъзе мамлакатҳо вақтро нисбат ба вақти минтақавӣ 1 соат пештар қабул карданд. Аз ин рӯ, дар СССР с. 1930 соатҳоро 1 соат пеш бурданд (вақти декретӣ). Дар СССР вақти декретии минтақаи дуюмро вақти Москва меноманд, ки аз вақти ҷаҳонӣ 3 соат пеш аст. Душанбе дар минтақаи 5-ум ҷойгир аст, ки вақти декретии он аз вақти ҷаҳонӣ 6 соат пеш аст. Системаи мунтазами ҳисоби В.— вақти эфемеридӣ аз рӯи мушоҳидаи дар атрофи Замин давр задани Моҳ назорат карда мешавад ва солномаҳои астрономиро дар асоси он тартиб медиҳанд. Дар системаи воҳидҳои физикӣ воҳиди В. *сония* аст, ки аз рӯи гардиши Замин дар атрофи Офтоб ва басомади резонансии яке аз гузаришҳои энергетикии атоми цезий—133 муайян карда мешавад. Азбаски ҳама системаҳои В. бо ҳам муқоисашавандаанд, дар мавриди зарурӣ аз як система ба системаи дигари ҳисоб гузаштан мумкин аст. Натиҷаи муқоисаи системаҳо дар «Бюллетенҳо»-и умури байналхалқии вақт (Париж), «Вақти эталонӣ»-и Ин-ти умумииттифоқии тадқиқоти илмии ченкуниҳои физикӣ-техникӣ ва радиоченкунӣ (СССР) ва диг. журналҳо нашр мешавад.

Ад.: Бакулин П. И., Блинов Н. С., Служба точного времени, М., 1968

ВАҚТ, ниг. *Фазо ва вақт.*

ВАҚТИ ЗАРУРИИ КОР, вақтест, ки дар давоми он коргарони истеҳсолоти моддӣ маҳсулоти заруриро истеҳсол мекунанд.

ВАҚТИ КОР, ниг. *Рӯзи кор.*

ВАҚТИ КОРИ ИЗОФА, вақтест, ки коргарони истеҳсолоти моддӣ барои истеҳсоли маҳсулоти изофа сарф мекунанд.

ВАҚТИ МАҲАЛЛӢ, вақти офтобии миёна ё ситорагии миёна, ки барои

ягон нуқтаи сатҳи Замин хос аст. В. м. ба тӯли географии маҳал вобаста аст. Ҳангоми ба тарафи Шарқ ба 15° тағйир ёфтани тӯли географӣ В. м. 1 соат зиёд мешавад, аммо барои ҳамаи нуқтаҳои як меридиан тақрибан як хел мебошад. Дар шаҳрҳои калон В. м.-и қисмҳои ғарбӣ ва шарқӣ ба чанд сония фарқ мекунад. Барои бартараф кардани ин ноқулаӣ дар ҳамаи мамлакатҳо *вақти минтақавӣ* қабул карда шудааст.

ВАҚТИ МИНТАҚАВӢ, системаи ҳисобкунии вақт. Барои муқаррар кардани В. м. сатҳи кураи Замин аз рӯи меридианҳо ба 24 минтақа (тӯли ҳар як минтақа ба ҳисоби миёна 15°) тақсим карда шудааст. Минтақаҳоро аз минтақаи нолӣ (аз мобайни ин минтақа меридиани Гринвич мегузарад) сар карда, аз Ғарб ба Шарқ ҳисоб мекунанд. Дар ҳамаи нуқтаҳои як минтақа вақтро якхела меҳисобанд, ки он ба вақти офтобии миёнаи меридиани аз миёнаи ин минтақа гузаранда баробар аст. В. м.-и маҳалҳои минтақаҳои гуногун мувофиқи номери тартибии минтақаҳо аз якдигар бо соатҳо фарқ мекунад, аммо дақиқаю сонияҳо дар ҳама ҷо як хел ҳисоб карда мешавад. Мас., В. м.-и Душанбе вақти минтақаи панҷум аст. Барои ба баъзе ноқуланҳо роҳ надодан ҳудуди минтақаҳо на ҳамеша расо мувофиқи меридиан, балки аз рӯи ҳудудҳои территория вию маъмурӣ, дарёҳо, р. о. ва ғ. муқаррар карда шудааст. В. м. сараввал дар ШМА (1883), дар СССР баъд аз с. 1919 ҷорӣ гардидааст.

ВАҚТИ ХОЛӢ, мӯҳлате, ки аз ҳисоби вақти зарурӣ (вақти корӣ, вақти ба кор рафтан ва аз он ҷо баргаштан, корҳои рӯзгор, қонеъ намудани талаботи физиологӣ — хоб, хӯрок ва ғ.) боқӣ монда, одам онро мувофиқи салоҳдид, дарачаи шуурнокӣ ва шароити моддию маънавии худ истифода мебарад. Мазмуну мундарича ва вазифаи В. х. вобаста ба табиати сохти ҷамъиятӣ гуногун мешавад. Дар мамлакатҳои мутараққии капиталистӣ дар баробари тамоюли мусбати зиёдшавии В. х., тамоюли манфии он (яъне зиёд шудани майпарастӣ, ҷиноятҳорӣ ва ғ.) инкишоф меёбад. Дар замони социализм В. х. ду вазифаи асосӣ дорад: 1) барқарор кардани қувваи одам, ки барои истеҳсолот ва иҷрои корҳои зарурии дигари ҷамъиятӣ сарф шудааст. 2) баланд бардоштани савияи маънавӣ (идеявӣ, маданӣ, ахлоқӣ ва ғ.) ва қобилияти ҷисмонии одам. Моҳияти асосии В. х.-ро се омили муҳим муайян менамояд: давомнокӣ, таркиб ва мазмун. Давомнокии В. х. бо вақти меҳнат зич вобаста аст. Дар шароити социализм роҳҳои гуногуни зиёд кардани В. х. мавҷуд аст; а) кам кардани рӯзи корӣ. Барои ин баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва тақсимоти каму беш баробари меҳнат дар байни аъзоёни ҷамъият лозим аст. С. 1960 дар СССР бо роҳи барқарор кардани ҳафтаи 41 соатаи корӣ гузариши коргарон ва хизматчиён ба рӯзи кории 7—6 соата ба итмом расид. Ба ҳафтаи кории 5-рӯза гузаштани меҳнаткашон ба зиёд шудани В. х. ва аз нав тақсимкунии вақти корӣ таъсири мусбат расонд. Акнун коргарон ва хизматчиён ба ҷои 60 рӯзи истироҳатии ҳафтаи 6-рӯза, 112 рӯзи истироҳат ва ид доранд; б) азнавтақсимкунии вақти беруна аз кор. Ҳалли масъалаи мазкур беҳтар намудани хизмати маишӣ, истеҳсоли фаровони мошинҳои рӯзгор, васеъ намудани доираи хизмати савдо ва хоҷагии коммуналиро тақозо дорад.

Дар замони социализм барои ҳамчун меъёри ҳақиқии бойгарии ҷамъият донистани В. х. таркиби онро ошкор сохтан лозим аст. Мувофиқи фаъолияти одамон дар доираи В. х. ва таъсири он ба инкишофи қобилияту истеъдоди шахс таркиби В. х. аз қисмҳои зерин иборат аст: 1) фаъолияти эҷодӣ; иҷрои корҳои ҷамъиятӣ, ихтироъкорӣ, машғулият бо кори дӯстдошта, худомӯзӣ ва ғ.; 2) истифодаи сарватҳои маънавӣ, ки хусусияти фардӣ (мутолиаи газетаю журнал, китоб ва ғ.) ва оммавӣ (тамошои кино, театр, музей ва ғ.) дорад. 3) истироҳати ҷисмонӣ: физкультура, спорт, саёҳати туристӣ ва ғ. Машғулиятҳои конкретии шахс дар ин ё он соҳаи фаъолият мазмуни асосии В. х.-ро ташкил медиҳад. Мазмуни В. х. меъёри асосӣ, аммо ягонаи муайян намудани фоиданокии он нест. Меъёри дигари фоиданокии В. х. чиҳати миқдории он (сарфи миқдори муайяни В. х. барои беҳбудии кори ҷамъият) мебошад. Дар мамлакати мо дар доираи В. х. роли фаъолиятҳои ҷамъиятию сиёсӣ—интихоби органҳои намояндагии советӣ, назорати халқӣ аз болои фаъолияти органҳои давлатӣ, ташкили судҳои рафиқона, комитетҳои падару модарон, советҳои занон ва ғ. меафзояд. Дар Программаи КПСС масъалаи боз ҳам васеъ намудани доираи В. х. гузошта шудааст. Барои ҳалли ин масъала инкишофи босуръати истеҳсолоти ҷамъиятӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва самарабахшии кори ташкилӣ ва идеологӣ лозим аст. Чунки бе фаъолияти баланди эҷодии сиёсӣ, такомули мавқеи иҷтимоию маънавӣ ва ба корҳои роҳбарии иҷтимоӣ ҷалб намудани омма сохтмони коммунизм имконнопазир аст. Аз ин рӯ, инкишофи минбаъдаи В. х. бевосита аз табиати ҷамъияти коммунистӣ сар мезанад.

Ад.: Программаи КПСС, Д., 1974; Творческая активность народных масс и развитие социалистической демократии, М., 1972; Орлов Г. П., Свободное время как социологическая категория, Свердловск, 1973.

С. Чононов.

ВАҚФ (ар. وقف — таваккуф, ҳаст, сукунат), молу мулкест, ки мувофиқи аҳкоми шариат ашхос ва ё давлат ба манфиати дин аз он даст мекашанд. В. баробари паҳншавии ислом ба ҳукми анъана даромада, дар тӯли асрҳо истиқрор меёфт ва сарчашмаи асосии даромади дин буд. Моликияти ба муассисоти дин — масҷид, мадраса, хонақоҳ—додашуда В. мегардид ва дар *вақфнома* зикр ёфта, тасдиқ карда мешуд. Як қисми даромади В. дар роҳи дин, маданият ва маориф сарф карда мешуд. Харочоти вобаста бо шикасту рехти бинову иморатҳо ва ҳаққи хизматгорон, имому муаззин, муаллимону мударрисон ва ғ. низ аз даромади В. дода мешуд. Моликияти манқула ва ғайриманқула—замин, об, осиёб, ҳаммом, дӯкон, корвонсарой, ҷорвои корӣ, олоти меҳнат ба В. дода мешуданд. Навъҳои гуногуни В. маълуманд: мутлақ, авлоди. Моликияти шахсӣ ва давлатӣ, ки В.-и мутлақ эълон гардидааст, ба соҳиби мулк баргардонда намешуд ва даромади он пурра ба хазинаи муассисоти динӣ медаромад. В.-и мутлақ аз андози давлатӣ озод буд. Мутасаддии В. мутаваллӣ ва нозирон буданд. Ба ихтиёри соҳиби В.-и меросӣ бошад, қисми мулкҳо ва даромади онҳо боқӣ мемонд, ҳамин гуна моликият меросӣ буд. Ҳамчунин вақфкунанда мутаваллии В.-ро худ эълон мекард. Фарқан аз В.-и мутлақ В.-и меросӣ ба давлат $^1/_{10}$ ҳосилро *ушр* медод. Баъди ғалабаи Рев. Октябрь дар назди органҳои маориф шӯъбаи В. ташкил ёфт. Шӯъба моликияти В.-ро ба ихтиёри худ гирифта, даромади онро ба эҳтиёҷи мактаб, маориф сарф мекард. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои сохтмони социалистӣ В. барҳам хӯрд. В. ҳоло ҳам дар мамлакатҳои хориҷӣ: Афғонистон, Арабистони Саудӣ ва ғ. боқӣ мондааст.

Ад.: Маджлисов А., Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX — начале XX века, Д.—Алма-Ата, 1967.

Х. Пирумшоев, Ф. Курбонов.

ВАҚФНОМА وقف نامه хуҷҷатест, ки дар асоси он соҳиби мулк моликияти худро ихтиёран ба муассисаҳои динӣ (масҷид, мадраса ва диг.) ва рӯҳониён, ҷамоаҳои сӯфиёнӣ мебахшид. Дар В. сабаби вақф кардан, номи соҳибмулк, мутаваллии моликияти вақф кардашуда, тартиби истифодаи он ва шоҳидон зикр мешуданд. В. баъди мӯҳри қозӣ ҳуқуқи қонунӣ пайдо мекард. Дар давраи советӣ *вақф* ва В. барҳам хӯрд.

Х. Пирумшоев, Ф. Курбонов.

ВАҲДАТИ ВУҶӮД (وحدت وجود — ягонагии ҳастӣ), таълимоти тасаввуфии пантеистӣ, ки фақат худоро реалияти ягона мешуморад. Назарияи В. в.-ро дар Шарқ авваллин бор файласуфи араб Ибни Арабӣ (1165—1240) ба шакли муайян даровардааст. Пайравони В. в. ақида доранд, ки фақат як ҳақиқат ва моҳияти реалӣ (яъне худо) вуҷуд дорад. Олами ашёё, яъне дунёи моддӣ таҷаллии

нурраи ҳақиқати мутлақ буда, фонӣ ва бебақо мебошад. Чунон ки нур дар оина барҳўрда, ба рангҳои гуногун чудо мешавад, нури илоҳӣ низ ҳангоми таҷаллӣ дараҷаҳои мухталифро касб карда, боиси ба вуҷуд омадани ашёё ва ҳодисаҳои олами моддӣ гардидааст. Бинобар ин вуҷудро ба ду вуҷуди мустақил ва алоҳида чудо кардан мумкин нест. «Мавҷуди ҳақиқӣ яке беш нест ва он айни вуҷуди ҳақ ва ҳастии мутлақ аст» (Абдурраҳмони Ҷомӣ). Мувофиқи таълимоти В. в. худо ва олам низ бо ҳам якчоя вуҷуд доранд, вале моҳияти асл танҳо худо аст. Ин вуҷуди ягона аз як тараф ҳақ, аз тарафи дигар халқ (яъне олами моддӣ) мебошад. Дар асрҳои миёна як қатор мутафаккирони форсу тоҷик В. в.-ро барои ифодаи озодфикрӣ истифода кардаанд. Абдуллоҳи Ансорӣ, Абулмаҷди Саной, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ғ. бузургии инсон ва сифатҳои илоҳӣ доштани найро далел оварда, ба муқобили зулму истиҳмори феодалӣ ва таҳқири одамон, бар зидди ҷангу ҷидоли мазҳаби ва аҳкоми дини ислом эътироз баён кардаанд. Баръакси онҳо сўфиёни иртиҷоӣ дар асоси В. в. гўшанишинӣ, таваккул ва ба тақдир тан доданро тарғиб карда, мардумро аз муборизаи ҳаёти ва ҳаракати фаъолона боз медоштанд. Ин боиси вусъат ёфтани дарвешӣ гардид.

Адб.: Одилов Н., Ҷаҳонбинии Ҷалолиддини Руми, Д., 1964; Раджабов М., Абдуррахман Джами и таджикская философия XV в., Д., 1968; Олимов К., Мировоззрение Саной, Д., 1973; Мухаммадходжаев А., Мировоззрение Аттора, Д., 1974.

К. Олимов.

ВАҲДАТИ МАВҶУД (وحدت موجود — ягонагии вуҷуддошта), таълимоти пантеисти (нигр. *Пантеизм*), ки дар мамлакатҳои шарқи мусулмонӣ дар асрҳои миёна паҳн шуда буд. Намояндагони В. м. ақида доштанд, ки худо дар тамоми ашёё ва ҳодисаҳои олами модди таҷассум ёфтааст. Олам дар зоҳир ба шаклҳои гуногуни модди падид омада, ботини он моҳияти илоҳи дорад. Онҳо ба объективият ва абадияти олам, ягонагии рўҳу модда ва нафсу тан қоиланд. Дар гносеологияи В. м. озодии ихтиёр ва роли ҳиссу ақл барои маърифат эътироф мешавад. Намояндагони В. м. (Ибни Ямини Фарьюмадӣ, Шамси Мағрибӣ, Абдуррахмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил) мавҷудияти объекти эҳсосотро берун аз одам эътироф намуда, казову қадар, таносух ва эътиқодро ба мавҷудияти парӣ, деву иблис танқид мекарданд. В. м бо таълимоти *ваҳдати вуҷуд* ва фалсафаи материалистии ҳинд алоқаманд аст.

К. Олимов.

ВАҲДАТИ ШУҲУД (وحدت شهود — ягонагии биниш), яке аз дараҷаҳои назарияи маърифати *тасаввуф*, ки мувофиқи он гўё сўфи ҳангоми ба «олами илоҳӣ» назора кардан мефаҳмад, ки ҳодисаҳо аз таҷаллӣ, яъне тобиши нури худо ба вуҷуд омадааанд. В. ш. гўё ҳамон вақт ба сўфӣ муяссар мешавад, ки вай «пардаҳоро» (яъне машғулиятҳои дуньёие, ки сўфиро аз ҷустуҷўи худо боз медоранд) бартараф кунад. Фақат дар ҳамин ҳолат гўё вай метавонад ба ҳар чиз бо чашми «ҳақиқати мутлақ» (яъне худо) нигарад. «Ва шуҳуд он бошад, ки он чӣ бинад, ба худо бинад, на ба хештан» («Мухтасари шарҳи таарруф», Теҳрон, 1349, ҳ. қ. саҳ. 391). В. ш. таълимоти ғайрилмӣ буда, манбаъҳои маърифатӣ ва психологии он аз галлюцинация ва гипнози худ, ки дар натичаи ваҷди ирфонӣ ба вуҷуд меоянд, иборатанд.

К. Олимов.

ВАҲДОНИЯТ (ар. وحدانيت — яктой, ягонагӣ), монотеизм, парастиши худои ягона. Мувофиқи В. сонеи ҳамаи чиз худои ягона аст. В. ҳамчун таълимоти зидди ширк *(политеизм)* ҳангоми ба амал омадани ҷамъияти синфӣ пайдо шудааст. Ба қавли Ф. Энгельс худои ягона тимсоли подшоҳи мустабид аст. Агар подшоҳи ягона намебуд, гояи худои ягона ҳам ба амал намеомад. Дар динҳои ҳозираи яккахудой, аз ҷумла ислом ҳам, боқимондаҳои политеизм мавҷуданд. 99 номи Оллоҳ, парастиши пайғамбару авлиё дар асл политеизм аст. Дар таърихи ислом В.-ро пайравони ваҳҳобия ҳимоя намуда, барои таълимот муборизаи шадид бурданд.

ВАҲИДИ ДАСТГАРДӢ وحيد دستگردی Ҳасан ибни Муҳаммадқосим (1882, маҳаллаи Дастгарди Исфаҳон—1948), адиб ва донишманди эронӣ. Дар 24-солагӣ ба муборизони зидди истилогарони аҷнабӣ ҳамроҳ гардида, гирифтори таъқиб шудааст. В. Д. муассиси газетаи «Дирафши Ковиён» (1914), журнали адабии «Армуғон» (1922, пас аз вафоти В. Д. ин журнал бо унвони «Ваҳид» нашр мешавад) ва анҷумани адабии ба номи Низомии Ганҷавист. Соҳиби чанд девони ғазалиёт, қасоид ва қитоот аст, ки ба сабки Низомии Ганҷавӣ эҷод шудааанд. Бузургтарин хидмати В. Д. таҳқиқ ва тадвини осори классикони адабиёти форс-тоҷик ва адибони карниҳои охир аст, ки маъруфтаринашон нашрҳои илмии осори Бобо Тоҳир, девонҳои Абулфараҷи Рунӣ, Ҳотифи Исфаҳонӣ, Адибулмамолики Амирӣ, «Ҳамса» ва диг. осори Низомии Ганҷавӣ, «Ҷоми Ҷам»-и Авҳадии Марогӣ, «Тўҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Тазкираи Насрободӣ», «Бахтиёрнома» мебошад.

К. Айнӣ.

ВАҲИДИ ТАБРЕЗӢ وحيد تبريزی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва адабиётшиноси охири а. 14 ва нимаи аввали а. 15 форс-тоҷик. Дар Табрез таваллуд ёфта, таҳсил ва касби камол намудааст. Баъзеҳо ўро иштиҳоҳан бо шоири сўфӣ Мавлоно Ваҳиди Табрезӣ (ваф. 1669—70) як шахс донистаанд. Аз В. Т., ба ғайр аз ашъори лирикӣ, боз ду асари адабиётшиносӣ: «Мифтоҳ-ул-бадоеъ» ва «Ҷамъи мухтасар» ба мо расидааст, ки аҳамияти илмии назарӣ ва амалӣ доранд, махсусан «Ҷамъи мухтасар». Рисолаи «Ҷамъи мухтасар» барои таълими бародарзодаи муаллиф навишта шудааст. Дар рисола аз хусуси шеър, таркиби сухан, арўз, бахрҳо, зиҳофҳо ва ғ. маълумоти мухтасар дода, дар қисмати асосии асар, баъди номбар кардани ҳар навъи вазн аз шеър мисол оварда, тақтеъ ва санъати онро зикр намудааст. Ин асар барои ёд гирифтани арўз ва санъатҳои шеърӣ дастури муфидест. Матни форсӣ ва таҷрумаи русии «Ҷамъи мухтасар» (Москва, 1959) ба табъ расид.

Р. Мусулмонқулов.

ВАҲӢ (ар. وحی — хабар, пайғом), мувофиқи тасаввуроти динӣ бо роҳҳои фавқулодда ба инсон маълум гардидани ҳақиқат ва сирру асрори ниҳон, ки гўё аз худо содир шуда, иродаи ўро ифода менамуданд. Аксарияти динҳо В.-ро манбаи муҳими дониш мешуморанд, ки он принципҳои роҳнамои муносибати одамонро ба худо ва ба якдигар муҳайё менамояд. Чунин дониш, гўё фақат хоси пайғамбарон, набиён ва валиён буда, дар ҳолати ваҷди ирфонӣ пайдо мешудааст. Дар ислом Қуръон ва суннат, дар масеҳият *каломи муқаддас* ва *ривояти муқаддас* намунаҳои асосии В. шуморида мешаванд. Рўҳониён аҳкоми муҳимтарини динро, ки ба илм зиданд, низ аз ҷумлаи В. медонанд. Дар фалсафаи динию идеалистӣ В. гуфта дарки фавқулҳиссии бевоситаи ҳақиқатро меноманд, ки гўё ашхоси баргузида ҳангоми ваҷди ирфонӣ ба он ноил мегарданд. Илми муосир ва фалсафаи материализми диалектикӣ В.-ро беасос мешуморад.

ВАҲШИИ БОФҚӢ وحشی بافقی Шамсуддин Муҳаммад (1532—1583), шоири форс-тоҷик. Аслан аз Бофқ (маҳалле дар миёни Язд ва Кирмон) буда, бештари умраашро дар Язд ба сар бурда ва ҳамон ҷо аз ҷаҳон даргузаштааст. Ҳоло дар сари гўраш мақбарае барпо кардаанд. Аз В. Б. дар ҳаҷми 5300 байт девоне боқӣ мондааст, ки қасоид, ғазалиёт, тарҷеъбанд, мусамматот, муқаттаот ва рубоиёти ўро дарбар мегирад. В. Б. се маснавӣ: «Хулди барин», «Назиру Манзур», «Ширину Фарҳод» ва як «Ҳаҷвиёт» (дар шакли маснавӣ) ба мерос гузоштааст. «Ширину Фарҳод» қуллаи эҷодиёти эпикии В. Б. ва аз ҷумлаи беҳтарин достонҳои ошиқонаи адабиёти форс-тоҷик буда, нотамом мондааст. Ин достонро Висоли Шерозӣ (ваф. 1846) ба поён расондааст. В. Б. дар шеър сабки хос дошта, бисьёр шоирон ба ў тақлид карда, вале ба пояи ў нарасидаанд. «Куллиёт»-и В. Б. дар ганҷинаи дастхатҳои АФ РСС Тоҷ. маҳфуз аст.

У. Яҳьёев.

ВАҲҲОБИЯ وهابية фирқаи динӣ ва ҳаракати ичтимоӣ, ки дар охири а. 18 дар мамлакатҳои араб пайдо шудааст. Асосгузораш Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703—1787). Таълимоти асосии В.-ро тарғибу ташвиқи ягонагии Оллоҳ—тавҳид ташкил медиҳад. Мувофиқи ақидаи ваҳҳобиён танҳо худо холиқи олам буда, чизе ва касе ба ӯ баробар шуда наметавонад. Ба тоату ибодат танҳо худо сазовор аст. Аз ин ҷост, ки В. ба диг. расму одатҳои ислом: авлиёпарастӣ, ҳаҷ, қурбонӣ (ғайр аз қурбонӣ баҳри худо), дар назди марқади ашхоси муқаддас сохтани масҷидҳо, ҳамчунин ба пӯшидани либосҳои шоҳӣ, нӯшидани машрубот, кашидани нашъа, мусиқӣ, рақс ва ғ. зид баромада, онҳоро навъе аз *бутпарастӣ* меҳисобид. Тамоми ашхоси ба ин унсурҳо пайравро кофир ва сазовори қатл медонист ва ба муқобили онҳо ҷиҳодро раво дониста, пайравони мазҳаби худро на бо номи қабила, балки бо номи ихвон (бародар) хитоб мекард. Аз байни тамоми навиштаҷоти динӣ танҳо Қуръон ва суннаро сарчашмаи асосии дини ислом меҳисобид. В. дар масъалаҳои шариат ва фиқҳ ба таълимоти ҳанбалия наздик аст. Ҳаракати В. аз хал. Форс то Баҳри Сурх ва нисфи зиёди нимҷаз. Арабистонро фаро гирифта, ба сиёсати Туркияи Усмонӣ ва мустамликадорӣ зид буд. В. баъди дини давлатии Арабистони Саудӣ (1920) эълон шудан, шакли ибтидоии худро гум карда, ба идеологияи феодалҳои араб табдил ёфт. В. ҳоло ғайри давлатҳои Араб, дар Афғонистон, Ҳиндустон ва баъзе давлатҳои Африка таъсир дорад.

Ад.: Прошин Н. И., Саудовская Аравия, М., 1964; Васильев А. М., Пуритане ислама, М., 1967.

А. Муҳаммадҳочаев.

ВАҶД (ар. وجد — бехудӣ, ғояти шавқ), ҳолати карахтӣ ва мадҳушӣ, ки дар натиҷаи зоеъ гаштани тасаввурот дар бораи воқеият ва назорати амалиёт, инчунин аз таассуб ва таъсири зararноки баъзе маросимҳои динӣ ба вуҷуд меояд. В. дар ҳаракатҳои бенизом, ханда, гирья, фарьёдҳои беихтиёрона зоҳир меёбад. Аксар шахсоне, ки хурӯҷи В.-ро аз сар гузаронидаанд, ба касалиҳои рӯҳӣ гирифтор мешаванд.

Дар т а с а в в у ф, яке аз зинаҳои маърифати ҳақ, ки гӯё дар он сӯфӣ ба туфайли риёзати бадан, мушоҳидаву муҷоҳида, зикри бардавоми хафия ҷаҳрӣ, самою ғино ба ҳолати фавқулҳиссӣ расида, худоро ошкор медида бошад.

ВЕБЕР Валериан Николаевич (26. 9. 1871, Петербург — 20. 1. 1940, Ленинград), геолог ва палеонтологи советӣ, доктори илмҳои геологияю минералогия (1937), проф., Ходими Хизматнишондодаи Илму Техникаи РСФСР (1939). С. 1897 Ин-ти кӯҳкории Петербургро хатм кардааст. С-ҳои 1900—40 дар Комитети геология (баъдтар Ин-ти умумииттифоқии тадқиқоти илмии геологӣ) кор кард. Корҳои илмиашро асосан ба омӯхтани сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминии Осиёи Миёна, аз он ҷумла қ-кӯҳи Туркистон ва ноҳияи Исфара бахшидааст. В. инчунин харитаи сарватҳои зеризаминии Осиёи Миёнаро тартиб додааст. Муаллифи асарҳои калон оид ба палеонтологияи трилобитҳо. Ӯ зилзилаҳои Шамоха, Андиҷон ва ғ.-ро омӯхта, дар соҳаи сейсмология низ асарҳо таълиф кардааст.

Ас.: Полезные ископаемые Туркестана, СПБ, 1913; Геологическая карта Средней Азии, Л.-М., Новосибирск, 1934.

ВЕБЕР, воҳиди сели магнитӣ, ки ба *Системаи воҳидҳои байналхалқӣ* дохил мешавад. Мавсум ба физики немис В. Э. Вебер. Ишорааш Вб, ишорати байналхалқиаш Wb. В. сели магнитиест, ки ҳангоми то ноль кам шуданаш дар контури бо ин сел илҳоқ буда, ки муқовиматаш 1 Ом аст, аз буриши кӯндаланги ноқил 1 Кл миқдори электр мегузарад. Е худ В. сели магнитиест, ки ҳангоми контури сарбастро гузашта, дар фосилаи 1 сон то ноль мунтазам тағйир ёфтани он дар контур КЭҲ-и ба 1 вольт баробар пайдо мекунад. Пас 1 Вб = (1 Ом) · (1 Кл) ё 1 Вб = (1 В) · (1 сон). 1 Мкс (Максвелл — воҳиди сели магнитӣ дар системаи СГС) = 10^{-8} Вб. Дар Системаи воҳидҳои байналхалқӣ (СИ) В. сели магнитиест, ки майдони магнитии якҳинсаи индукцияаш 1 *тесла* буда, тавассути 1 м^2 масоҳати ба самти майдон нормаль ҳосил мекунад: 1 Вб = (1 Тл) · (1 м^2).

ВЕДАНТА (санскр., айнан — хотима, фарҷоми Ведаҳо), таълимоти динию идеалистии фалсафаи ҳинд, ки ба фалсафаи идеалистии *Упанишодҳо* асос ёфтааст. Дар таърихи фалсафаи ҳинд В. барои асосноқ намудани дин ва муборизаи муқобили материализму *(чарвака)* атеизм, истифода мешуд. В. ҳоло ҳам дар фалсафаи *ҳиндуия* мақоми махсус дорад. Аввалин бор таълимоти В. дар «Веданта-сутра»-и Бадаряна ифода шудааст. Минбаъд В. дар асоси тафсири ин асар ва Упанишодҳо инкишоф ёфт. Дар В. ду равия мавҷуд аст. Якум — а д в а й т а (ягонаги, вахдат), ки асосгузораш Шанкара (а. 8) мебошад. Мувофиқи адвайта дар олам ғайри зоти ягонаи олии рӯҳонӣ (худо — *бараҳман)* ҳеҷ гуна воқеияти диг. вуҷуд надорад. Тасаввурот дар бораи гуногунии предмет ва ҳодисаҳои дунёё натиҷаи авидья, ғафлат буда, ҳама чиз, ғайри худо *(майя)*, ҳаёлоти ботил аст. Шанкара *интуиция* ва *вахй*ро методи асосии маърифат дониста, хулоса ва эҳсосотро дуюм дараҷа меҳисобад. Равияи дуюми В. — в и ш и ш т а-а д в а й т а (вахдати гувишишта-ногунранг) мебошад, ки асосгузораш Рамануҷа (а-ҳои 11—12) буд. Аз рӯи таълимоти Рамануҷа се воқеият — материя, рӯҳ ва худо мавҷуд аст. Онҳо дар ҳолати тобеияти мутақобилаанд: рӯҳи фардӣ ҷисми моддиро ба худ тобеъ месозад ва худо аз болои ҳардуи онҳо ҳукмравӣ мекунад. Мақсади кӯшишҳои фард ба воситаи амали рӯҳ, дониш ва муҳаббат ба худо аз мавҷудияти моддӣ озод шудан аст.

Диг. намояндагони барҷастаи В.-и асримиёнагӣ Мадҳва (а. 9), Бҳаскара (а. 10), Ядавапракаша (а. 11), Веданта — дешика (а. 12) буданд. В. минбаъд дар таълимоти файласуфони ҳинд Раммоҳан Рай, Рамакришна, А. Гхош, С. Радҳакришнан ва ғ. мушоҳида мешавад.

Ад.: Чаттерджи С. и Датта Д., Древняя индийская философия, пер. с англ., М., 1954; История философии, т. 1, М., 1957; с. 46—47, 187—188; Радхакришнан С., Индийская философия, пер. с англ., т. 1—2, М., 1956—57; Древнеиндийская философия. Начальный период. М., 1963.

А. Муҳаммадҳочаев.

ВЕДАҲО (санскр., веда, айнан — дониш), ёдгориҳои қадимтарини адабиёти ҳинд, ки дар охири ҳазорсолаи 2—аввали ҳазорсолаи 1-и то м. ба забони қадимаи ҳиндӣ (ведӣ) эҷод шудаанд. Адабиёти ведӣ аз чор маҷмӯаи гимнҳо, муноҷот ва дуоҳои маросими қурбонӣ (Ригведа, Самаведа, Яҷурведа ва Атҳарваведа), ки сиҳҳита ном доранд, *бараҳман*ҳо (китобҳои динӣ, ки маросимҳои қурбониро шарҳ медиҳанд), араньякаҳо ва *Упанишодҳо* (асарҳои фалсафӣ, ки бо назму наср навишта шудаанд) иборат аст. В. чун матнҳои муқаддаси *бараҳмания* вазифаи илоҳӣ-шрути (айнан-шунида) дониста мешуданд. В. қоидаҳои маросимро ба баёни таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва ичтимоӣ, унсурҳои сеҳру афсунро бо тасаввуроти ибтидоии илмӣ пайваста ба фольклор ва асотир такья мекунанд. В. давраи аз сохти ҷамъияти ибтидоӣ ба давраи ҷамъияти синфӣ гузаштани қабилаҳои ҳиндро инъикос карда, манбаи муҳимтарини омӯзиши таърихи ичтимоӣ, иқтисодӣ ва маданиии Ҳиндустони Қадим мебошанд. Диг. низ *Дини ведӣ*.

ВЕДЕНИН Андрей Яковлевич (тав. 1900, деҳаи Семёнов, уезди Алатыри губ. Симбирск), иштирокчии муборизаи муқобили босмачиён дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1925. Аз оилаи деҳқони камбағал. Баъди Рев. Октябрь бо падараш дар Совети қишлоқ ва комитети камбағалон кор кард. С-ҳои 1919—20 дар муҳорибаҳои зидди полякҳои сафед ва диг. дастаҳои аксулинқилоби иштирок дошт. С. 1922 дар Осиёи Миёна ҳамчун командири рота ва баъд батальон дар муборизаи зидди босмачиён фаъолона иштирок намуд. С-ҳои 1931—39 дар Самарқанд, Фрунзе, Вязьма вазифаи командириро ичро кард. С-ҳои 1941—45 командири полк, дивизия, корпус. Коменданти Кремли Москва низ буд. Ҳоло нафақахӯри шахсӣ. Ба 2 ордени Ленин, 3 ордени Байраки Сурх, орденҳои Богдан Хмельницкий дараҷаи якум, Су-

нурраи ҳақиқати мутлақ буда, фонӣ ва бебақо мебошад. Чунон ки нур дар оина барҳӯрда, ба рангҳои гуногун ҷудо мешавад, нури илоҳӣ низ ҳангоми таҷаллӣ дараҷаҳои мухталифро касб карда, боиси ба вуҷуд омадани ашёё ва ҳодисаҳои олами моддӣ гардидааст. Бинобар ин вуҷудро ба ду вуҷуди мустақил ва алоҳида ҷудо кардан мумкин нест. «Мавҷуди ҳақиқӣ яке беш нест ва он айни вуҷуди ҳақ ва ҳастии мутлақ аст» (Абдуррахмони Ҷомӣ). Мувофиқи таълимоти В. в. худо ва олам низ бо ҳам якҷоя вуҷуд доранд, вале моҳияти асл танҳо худо аст. Ин вуҷуди ягона аз як тараф ҳақ, аз тарафи дигар халқ (яъне олами модди) мебошад. Дар асрҳои миёна як қатор мутафаккирони форсу тоҷик В. в.-ро барои ифодаи озодфикрӣ истифода кардаанд. Абдуллоҳи Ансорӣ, Абулмаҷди Саной, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Абдуррахмони Ҷомӣ ва ғ. бузургии инсон ва сифатҳои илоҳӣ доштани вайро далел оварда, ба муқобили зулму истисмори феодалӣ ва таҳқири одамон, бар зидди ҷангу ҷидоли мазҳаби ва аудоми дини ислом эътироз баён кардаанд. Баръакси онҳо сӯфиёни иртиҷоӣ дар асоси В. в. гӯшанишини, таваккул ва ба тақдир тан доданро тарғиб карда, мардумро аз муборизаи сиёсӣ ва ҳаракати фаъолона боз медоштанд. Ин боиси вусъат ёфтани дарвешӣ гардид.

Адб.: Одилов Н., Ҷаҳонбинии Ҷалолиддини Руми, Д., 1964; Раджабов М., Абдуррахман Джами и таджикская философия XV в., Д., 1968; Олимов К., Мировоззрение Саной, Д., 1973; Мухаммадходжаев А., Мировоззрение Аттора, Д., 1974.

К. Олимов.

ВАҲДАТИ МАВҶУД (وحدت موجود — ягонагии вуҷуддошта), таълимоти пантеистӣ (нег. *Пантеизм*), ки дар мамлакатҳои шарқи мусулмонӣ дар асрҳои миёна паҳн шуда буд. Намояндагони В. м. ақида доштанд, ки худо дар тамоми ашёё ва ҳодисаҳои олами модди таҷассум ёфтааст. Олам дар зоҳир ба шаклҳои гуногуни моддӣ шадид омада, ботини он моҳияти илоҳӣ дорад. Онҳо ба объективият ва абадиятӣ олам, ягонагии рӯҳу модда ва нафсу тан қоиланд. Дар гносеологияи В. м. озодии ихтиёр ва роли ҳиссу ақл барои маърифат эътироф мешавад. Намояндагони В. м. (Ибни Ямини Фарьюмадӣ, Шамси Мағрибӣ, Абдуррахмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил) мавҷудияти объекти эҳсосотро берун аз одам эътироф намуда, казову қадар, таносух ва эътиқодро ба мавҷудияти парӣ, деву иблис танқид мекарданд. В. м. бо таълимоти *вахдати вуҷуд* ва фалсафаи материалистии ҳинд алоқаманд аст.

К. Олимов.

ВАҲДАТИ ШУҲУД (وحدت شهود — ягонагии биниш), яке аз дараҷаҳои назарияи маърифати *тасаввуф*, ки мувофиқи он гуё суфи ҳангоми ба «олами илоҳӣ» назора кардан мефаҳмад, ки ҳодисаҳо аз таҷаллӣ, яъне тобиши нури худо ба вуҷуд омадаанд. В. ш. гӯё ҳамон вақт ба сӯфӣ муяссар мешавад, ки вай «пардаҳоро» (яъне машғулиятҳои дунёйе, ки сӯфиро аз ҷустуҷӯи худо боз медоранд) бартараф кунад. Фақат дар ҳамин ҳолат гӯё вай метавонад ба ҳар чиз бо чашми «ҳақиқати мутлақ» (яъне худо) нигарад. «Ва шуҳуд он бошад, ки он чӣ бинад, ба худо бинад, на ба хештан» («Мухтасари шарҳи таарруф», Теҳрон, 1349, ҳ. қ. саҳ. 391). В. ш. таълимоти гайриилмӣ буда, манбаъҳои маърифатӣ ва психологии он аз галлюцинация ва гипнози худ, ки дар натиҷаи ваҷди ирфонӣ ба вуҷуд меоянд, иборатанд.

К. Олимов.

ВАҲДОНИЯТ (ар. وحدانيت — яктоӣ, ягонагӣ), монотеизм, парастиши худои ягона. Мувофиқи В. сонеи ҳамаи чиз худои ягона аст. В. ҳамчун таълимоти зидди ширк *(политеизм)* ҳангоми ба амал омадани ҷамъияти синфӣ пайдо шудааст. Ба қавли Ф. Энгельс худои ягона тимсоли подшоҳи мустабид аст. Агар подшоҳи ягона намебуд, гояи худои ягона ҳам ба амал намеомад. Дар динҳои ҳозираи яккахудой, аз ҷумла ислом ҳам, бақиёмондаҳои политеизм мавҷуданд. 99 номи Оллоҳ, парастиши пайғамбару авлиё дар асл политеизм аст. Дар таърихи ислом В.-ро пайравони ваҳҳобия ҳимоя намуда, барои таълимот муборизаи шадид бурданд.

ВАҲИДИ ДАСТГАРДӢ وحيد دستگردی Ҳасан ибни Муҳаммадқосим (1882, маҳаллаи Дастгарди Исфаҳон—1948), адиб ва донишманди эронӣ. Дар 24-солагӣ ба муборизони зидди истилогарони аҷнабӣ ҳамроҳ гардида, гирифтори таъқиб шудааст. В. Д. муассиси газетаи «Дирафши Ковиён» (1914), журнали адабии «Армуғон» (1922, пас аз вафоти В. Д. ин журнал бо унвони «Ваҳид» нашр мешавад) ва анҷумани адабии ба номи Низомии Ганҷавист. Соҳиби чанд девони ғазалиёт, қасоид ва қитоот аст, ки ба сабки Низомии Ганҷавӣ эҷод шудаанд. Бузургтарин хидмати В. Д. таҳқиқ ва тадвини осори классикони адабиёти форс-тоҷик ва адибони карнҳои охир аст, ки маъруфтаринашон нашрҳои илмии осори Бобо Тоҳир, девонҳои Абулфараҷи Рунӣ, Ҳотифи Исфаҳонӣ, Адибулмамолики Амирӣ, «Ҳамса» ва диг. осори Низомии Ганҷавӣ, «Ҷоми Ҷам»-и Авҳадии Марогӣ, «Тӯҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Тазкираи Насрободӣ», «Бахтиёрнома» мебошад.

К. Айнӣ.

ВАҲИДИ ТАБРЕЗӢ وحيد تبريزی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва адабиётшиноси охири а. 14 ва нимаи аввали а. 15 форс-тоҷик. Дар Табрез таваллуд ёфта, таҳсил ва касби камол намудааст. Баъзеҳо ӯро иштиҳоҳан бо шоири сӯфӣ Мавлоно Ваҳиди Табрезӣ (ваф. 1669—70) як шахс донистаанд. Аз В. Т., ба ғайр аз ашъори лирикӣ, боз ду асари адабиётшиносӣ: «Мифтоҳ-ул-бадоеъ» ва «Ҷамъи мухтасар» ба мо расидааст, ки аҳамияти илмии назарӣ ва амалӣ доранд, махсусан «Ҷамъи мухтасар». Рисолаи «Ҷамъи мухтасар» барои таълими бародарзодаи муаллиф навишта шудааст. Дар рисола аз хусуси шеър, таркиби сухан, арӯз, баҳрҳо, зиҳофҳо ва ғ. маълумоти мухтасар дода, дар қисмати асосии асар, баъди номбар кардани ҳар навъи вазн аз шеър мисол оварда, тақтеъ ва санъати онро зикр намудааст. Ин асар барои ёд гирифтани арӯз ва санъатҳои шеърӣ дастури муфидест. Матни форсӣ ва таҷрумаи русии «Ҷамъи мухтасар» (Москва, 1959) ба табъ расид.

Р. Мусулмонқулов.

ВАҲӢ (ар. وحی — хабар, пайғом), мувофиқи тасаввуроти динӣ бо роҳҳои фавқулодда ба инсон маълум гардидани ҳақиқат ва сирру асрори нихон, ки гӯё аз худо содир шуда, иродаи ӯро ифода менамуданд. Аксарияти динҳо В.-ро манбаи муҳими дониш мешуморанд, ки он принципҳои роҳнамои муносибати одамонро ба худо ва ба якдигар муҳайё менамояд. Чунин дониш, гӯё фақат хоси пайғамбарон, набиён ва валиён буда, дар ҳолати ваҷди ирфонӣ пайдо мешудааст. Дар ислом Қуръон ва суннат, дар масеҳият *каломи муқаддас* ва *ривояти муқаддас* намунаҳои асосии В. шуморида мешаванд. Рӯҳониён аҳкоми муҳимтарини динро, ки ба илм зиданд, низ аз ҷумлаи В. медонанд. Дар фалсафаи динию идеалистӣ В. гуфта дарки фавқулҳиссии бевоситаи ҳақиқатро меноманд, ки гӯё ашхоси баргузида ҳангоми ваҷди ирфонӣ ба он ноил мегарданд. Илми муосир ва фалсафаи материализми диалектикӣ В.-ро беасос мешуморад.

ВАҲШӢИ БОФҚӢ وحشی بافقی Шамсуддин Муҳаммад (1532—1583), шоири форс-тоҷик. Аслан аз Бофқ (маҳалле дар миёни Язд ва Кирмон) буда, бештари умраашро дар Язд ба сар бурда ва ҳамон ҷо аз ҷаҳон даргузаштааст. Ҳоло дар сари гӯраш мақбарае барпо кардаанд. Аз В. Б. дар ҳаҷми 5300 байт девоне боқӣ мондааст, ки қасоид, ғазалиёт, тарҷеъбанд, мусамматот, муқаттаот ва рубоиёти ӯро дарбар мегирад. В. Б. се маснавӣ: «Хулди барин», «Назиру Манзур», «Ширину Фарҳод» ва як «Ҳаҷвиёт» (дар шакли маснавӣ) ба мерос гузоштааст. «Ширину Фарҳод» қуллаи эҷодиёти эпикии В. Б. ва аз ҷумлаи беҳтарин достонҳои ошиқонаи адабиёти форс-тоҷик буда, нотамом мондааст. Ин достонро Висоли Шерозӣ (ваф. 1846) ба поён расондааст. В. Б. дар шеър сабки хос дошта, бисьёр шоирон ба ӯ тақлид карда, вале ба пояи ӯ нарасидаанд. «Куллиёт»-и В. Б. дар ганҷинаи дастхатҳои АФ РСС Тоҷ. маҳфуз аст.

У. Яҳъёев.

ВАҲҲОБИЯ وهابيه фирқаи динӣ ва ҳаракати ичтимоӣ, ки дар охири а. 18 дар мамлакатҳои араб пайдо шудааст. Асосгузораш Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703—1787). Таълимоти асосии В.-ро тарғибу ташвиқи ягонагии Оллоҳ—тавҳид ташкил медиҳад. Мувофиқи ақидаи ваҳҳобиён танҳо худо холиқи олам буда, чизе ва касе ба ӯ баробар шуда наметавонад. Ба тоату ибодат танҳо худо сазовор аст. Аз ин ҷост, ки В. ба диг. расму одатҳои ислом: авлиёпарастӣ, ҳаҷ, қурбонӣ (ғайр аз қурбонӣ баҳри худо), дар назди марқади ашхоси муқаддас сохтани масҷидҳо, ҳамчунин ба пӯшидани либосҳои шоҳӣ, нӯшидани машрубот, кашидани нашъа, мусиқӣ, рақс ва ғ. зид баромада, онҳоро навъе аз *бутпарастӣ* меҳисобид. Тамоми ашхоси ба ин унсурҳо пайравро кофир ва сазовори қатл медонист ва ба муқобили онҳо ҷиҳодро раво дониста, пайравони мазҳаби худро на бо номи қабила, балки бо номи ихвон (бародар) хитоб мекард. Аз байни тамоми навиштаҷоти динӣ танҳо Қуръон ва суннаро сарчашмаи асосии дини ислом меҳисобид. В. дар масъалаҳои шариат ва фиқҳ ба таълимоти ҳанбалия наздик аст. Ҳаракати В. аз хал. Форс то Баҳри Сурх ва нисфи зиёди нимҷаз. Арабистонро фаро гирифта, ба сиёсати Туркияи Усмонӣ ва мустамликадорӣ зид буд. В. баъди дини давлатии Арабистони Саудӣ (1920) эълон шудан, шакли ибтидоии худро гум карда, ба идеологияи феодалҳои араб табдил ёфт. В. ҳоло ғайри давлатҳои Араб, дар Афғонистон, Ҳиндустон ва баъзе давлатҳои Африка таъсир дорад.

Ад.: Прошин Н. И., Саудовская Аравия, М., 1964; Васильев А. М., Пуритане ислама, М., 1967.

А. Муҳаммадҳоҷаев.

ВАҶД (ар. وجد — бехудӣ, ғояти шавқ), ҳолати карахтӣ ва мадҳушӣ, ки дар натиҷаи зоеъ гаштани тасаввурот дар бораи воқеият ва назорати амалиёт, инчунин аз таассуб ва таъсири зararноки баъзе маросимҳои динӣ ба вуҷуд меояд. В. дар ҳаракатҳои бенизом, ҳанда, гирья, ҳарёдҳои беихтиёрона зоҳир меёбад. Аксар шахсоне, ки хурӯҷи В.-ро аз сар гузаронидаанд, ба касалиҳои рӯҳӣ гирифтор мешаванд.

Дар тасаввуф, яке аз зинаҳои маърифати ҳақ, ки гӯё дар он сӯфӣ ба туфайли риёзати бадан, мушоҳидаву муҷоҳида, зикри бардавоми ҳафию ҷаҳрӣ, самою ғино ба ҳолати фаваҚулҳиссӣ расида, худоро ошкор медида бошад.

ВЕ́БЕР Валериан Николаевич (26. 9. 1871, Петербург — 20. 1. 1940, Ленинград), геолог ва палеонтологи советӣ, доктори илмҳои геологияю минералогия (1937), проф., Ходими Хизматнишондодаи Илму Техникаи РСФСР (1939). С. 1897 Ин-ти кӯҳкории Петербургро хатм кардааст. С-ҳои 1900—40 дар Комитети геология (баъдтар Ин-ти умумииттифоқии тадқиқоти илмии геологӣ) кор кард. Корҳои илмиашро асосан ба омӯхтани сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминии Осиёи Миёна, аз он ҷумла қ-кӯҳи Туркистон ва ноҳияи Исфара бахшидааст. В. инчунин харитаи сарватҳои зеризаминии Осиёи Миёнаро тартиб додааст. Муаллифи асарҳои калон оид ба палеонтологияи трилобитҳо. Ӯ зилзилаҳои Шамоха, Андиҷон ва ғ.-ро омӯхта, дар соҳаи сейсмология низ асарҳо таълиф кардааст.

Ас.: Полезные ископаемые Туркестана, СПБ, 1913; Геологическая карта Средней Азии, Л.-М., Новосибирск, 1934.

ВЕ́БЕР, воҳиди сели магнитӣ, ки ба *Системаи воҳидҳои байналхалқӣ* дохил мешавад. Мавсум ба физики немис В. Э. Вебер. Ишораташ Вб, ишорати байналхалқиаш Wb. В. сели магнитиест, ки ҳангоми то ноль кам шудаташ дар контури бо ин сел илҳоқбуда, ки муқовиматаш 1 Ом аст, аз буриши кӯндалангӣ ноқил 1 Кл миқдори электр мегузарад. Ё худ В. сели магнитиест, ки ҳангоми контури сарбастро гузашта, дар фосилаи 1 сон то ноль мунтазам тағйир ёфтани он дар контур КЭҲ-и ба 1 вольт баробар пайдо мекунад. Пас 1 Вб = (1 Ом) · (1 Кл) ё 1 Вб = (1 В) · (1 сон). 1 Мкс (Максвелл — воҳиди сели магнитӣ дар системаи СГС) = 10^{-8} Вб. Дар Системаи воҳидҳои байналхалқӣ (СИ) В. сели магнитиест, ки майдони магнитии якчинсаи индукцияаш 1 *тесла* буда, тавассути 1 м² масоҳати ба самти майдон нормаль ҳосил мекунад: 1 Вб = (1 Тл) · (1 м²).

ВЕДАНТА (санскр., айнан — хотима, фарҷоми Ведаҳо), таълимоти динию идеалистии фалсафаи ҳинд, ки ба фалсафаи идеалистии *Упанишодҳо* асос ёфтааст. Дар таърихи фалсафаи ҳинд В. барои асоснок намудани дин ва муборизаи ба муқобили материализму *(чарвака)* атеизм, истифода мешуд. В. ҳоло ҳам дар фалсафаи *ҳиндуия* мақоми махсус дорад. Аввалин бор таълимоти В. дар «Веданта-сутра»-и Бадаряна ифода шудааст. Минбаъд В. дар асоси тафсири ин асар ва Упанишодҳо инкишоф ёфт. Дар В. ду равия мавҷуд аст. Якум — адвайта (ягонагӣ, ваҳдат), ки асосгузораш Шанкара (а. 8) мебошад. Мувофиқи адвайта дар олам ғайри зоти ягонаи олии рӯҳонӣ (худо — *бараҳман*) ҳеҷ гуна воқеияти диг. вуҷуд надорад. Тасаввурот дар бораи гуногунии предмет ва ҳодисаҳои дунёё натиҷаи авидья, ғафлат буда, ҳама чиз, ғайри худо *(майя)*, ҳаёлоти ботил аст. Шанкара *интуиция* ва *ваҳйро* методи асосии маърифат дониста, хулоса ва эҳсосотро дуюм-дараҷа меҳисобад. Равияи дуюми В. — вишишта-адвайта (ваҳдати гуногунранг) мебошад, ки асосгузораш Рамануҷа (а-ҳои 11—12) буд. Аз рӯи таълимоти Рамануҷа се воқеият — материя, рӯҳ ва худо мавҷуд аст. Онҳо дар ҳолати тобеияти мутақобилаанд: рӯҳи фардӣ ҷисми моддиро ба худ тобеъ месозад ва худо аз болои ҳардуи онҳо ҳукмравой мекунад. Мақсади кӯшишҳои фард ба воситаи амали рӯҳ, дониш ва муҳаббат ба худо аз мавҷудияти моддӣ озод шудан аст.

Диг. намояндагони барҷастаи В.-и асримиёнагӣ Мадҳва (а. 9), Бҳаскара (а. 10), Ядаванракаша (а. 11), Веданта — дешика (а. 12) буданд. В. минбаъд дар таълимоти файласуфони ҳинд Раммоҳан Рай, Рамакришна, А. Гхош, С. Радҳакришнан ва ғ. мушоҳида мешавад.

Ад.: Чаттерджи С. и Датта Д., Древняя индийская философия, пер. с англ., М., 1954; История философии, т. 1, М., 1957; с. 46—47, 187—188; Радханришнан С., Индийская философия, пер. с англ., т. 1—2, М., 1956—57; Древнеиндийская философия. Начальный период, М., 1963. *А. Муҳаммадҳоҷаев.*

ВЕДАҲО (санскр., веда, айнан — дониш), ёдгориҳои қадимтарини адабиёти ҳинд, ки дар охири ҳазорсолаи 2—аввали ҳазорсолаи 1-и то м. ба забони қадимаи ҳиндӣ (ведӣ) эҷод шудаанд. Адабиёти ведӣ аз чор маҷмӯаи гимнҳо, муноҷот ва дуоҳои маросими қурбонӣ (Ригведа, Самаведа, Яҷурведа ва Атҳарваведа), ки сияҳита ном доранд, *бараҳманҳо* (китобҳои динӣ, ки маросимҳои қурбониро шарҳ медиҳанд), араньякаҳо ва *Упанишодҳо* (асарҳои фалсафӣ, ки бо назму наср навишта шудаанд) иборат аст. В. чуз матнҳои муқаддаси *бараҳмания* ваҳйи илоҳи-шрути (айнан-шунида) дониста мешуданд. В. қоидаҳои маросимро ба баёни таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва ичтимоӣ, унсурҳои сеҳру афсунро бо тасаввуроти ибтидоии илмӣ пайваста ба фольклор ва асотир такья мекунанд. В. давраи аз сохти ҷамъияти ибтидоӣ ба давраи ҷамъияти синфӣ гузаштани қабилаҳои ҳиндро инъикос карда, манбаи муҳимтарини омӯзиши таърихи ичтимоӣ, иқтисодӣ ва маданиии Ҳиндустони Қадим мебошанд. Диг. низ *Дини ведӣ.*

ВЕДЕ́НИН Андрей Яковлевич (тав. 1900, деҳаи Семёнов, уезди Алатыри губ. Симбирск), иштирокчии муборизаи ба муқобили босмачиён дар Тоҷикистон. Аъзои КПСС аз с. 1925. Аз оилаи деҳқони камбағал. Баъди Рев. Октябрь бо падараш дар Совети қишлоқ ва комитети камбағалон кор кард. С-ҳои 1919—20 дар муҳорибаҳои зидди полякҳои сафед ва диг. дастаҳои аксулинқилоби иштирок дошт. С. 1922 дар Осиёи Миёна ҳамчун командири рота ва баъд батальон дар муборизаи зидди босмачиён фаъолона иштирок намуд. С-ҳои 1931—39 дар Самарқанд, Фрунзе, Вязьма вазифаи командириро ичро кард. С-ҳои 1941—45 командири полк, дивизия, корпус. Коменданти Кремли Москва низ буд. Ҳоло нафақахӯри шахси Бо 2 ордени Ленин, 3 ордени Байраки Сурх, орденҳои Богдан Хмельницкий дараҷаи якум, Су-

воров ва Кутузов дарачаи дуюм, ордени Чехословакия ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВЕЗДЕХОД, автомобили ҳарҷогард, ки дар шароити душвори роҳ (бероҳа, ботлоқзор, даштҳои барфпӯш ва ғ.) истифода мешавад. В.-ро дар асоси шассии автомобиль сохта, бо тасмачарх ё бо шинаҳои махсус мечиҳозонанд. Ба трансмиссияи В. кутии таҳвили иловагӣ ё механизми дигаре, ки қувваи кашишро зиёд мекунад, гузошта мешавад.

ВЕЗУВИАН, минерал, силикати мураккаб. Форм. химиявиаш $Ca_{10}(Mg,Fe)_2Al_4[(OH)_4(SiO_4)_5(Si_2O_7)_2]$. Бори аввал дар атрофи вулқони Везувий ёфт шудааст. Дар системаи тетрагоналӣ кристалл мебандад. Кристаллҳояш призма ё дипирамидашакл, чун массаҳои яклухти донадор ҳам вомехӯрад. Рангаш сабз, заард, бӯртоб, сиёҳтоб ва ғ. Сахтиаш 6,5; зичиаш 3350—3450 кг/м³. В. дар ҳудуди чинсҳои магмавии қаҳрию охаксанг ва доломит ба вуҷуд омада, ҳамроҳи бечода (гранат), хлорит, эпидот, магнетит, кальцит ва диг. минералҳо дучор меояд.

ВЕЗӮВИЙ (Vesuvio), вулқони амалкунанда дар ҷан. Италия, дар наздикии ш. Неаполь. В. ба се конуси болои ҳам гузошташуда монанд. Баландиаш то 1277 м. Дар вақти оташфишонӣ лава, ҳокистару газ хориҷ мекунад. Дар чунин мавридҳо раъду барқ шуда, боронӣ сел меборад. Обу ҳокистар омехта шуда, селоб ҷорӣ мешавад, ки он аз лава ҳам хавфноктар аст. Оташфишониҳои сахти В. с-ҳои 1631, 1794, 1822, 1872, 1906 ва 1944 ба амал омада, бисёр шаҳрҳои атрофи он зери лаваю ҳокистар мондаанд. Дар баландии тақрибан 600 м расадхонаи вулқономӯзӣ (аз 1842) воқеъ аст.

ВЕЙДЕМЕЙЕР (Weydemeyer) Иосиф (1818—26. 8. 1866, Сент-Луис), арбоби ҳаракати коргарии Германия ва Америка, дӯсти наздики К. Маркс ва Ф. Энгельс. Яке аз иштирокчиёни фаъоли Иттифоки коммунистон (1847), иттифоқҳои коргарӣ ва ҷамъияти демократи (1848—49) дар Вестфалия. В. дар муборизаи зидди фракцияи сектантии Виллих—Шаппер К. Маркс ва Ф. Энгельсро тарафдорӣ кард. С. 1851 аз хавфи ҳабс ба Швейцария, баъд ба Америка ҳиҷрат кард. С-ҳои 50-ум В. ба ҳаёти роҳбарони Иттифоки коргарони муҳоҷири немис дар Америка дохил шуд, дар кори Клуби коммунистии Нью-Йорк ва диг. ташкилотҳои коргари иштирок кард, бар зидди сектантчиёнӣ баромада, барои иттиҳоди интернационалии коргарони ШМА муборизо бурд. Дар давраи ҷанги граждании дар ШМА полковники армияи Шимол буд.

ВЕЙЕРШТРАСС (Weierstrass) Карл Теодор Вильгельм (31. 10. 1815, Остенфельде — 19. 2. 1897, Берлин), математики немис. Проф. Ун-ти Берлин (1856). Доир ба таҳлили математикӣ, назарияи функцияҳо, ҳисоби вариационӣ, геометрияи дифференциалӣ ва алгебраи хаттӣ тадқиқоти бисёре дорад. Системаи асосноккуниии мантиқии таҳлили математикӣ, ки В. дар заминаи назарияи ададҳои ҳақиқии буньёдкардааш пешниҳод намудааст, дар математика аҳамияти калон дорад.

ВЕЙСМАН (Weismann) Август (17. 1. 1834, Франкфурти канори Майн — 5. 11. 1914, Фрейбург), биологи немис.

Аввалин асарҳояш ба гистологияи бофтаи мушак, инкишофи ҳашарот ва биологияи мавҷудоти оби ширин бахшида шудаанд. Аз охири с. 1860 асосан бо тадқиқи масъалаҳое машғул шуд, ки ба муҳофизат, исбот ва инкишофи таълимоти Ч. Дарвин бахшида шудаанд. Ба *виталисм* муқобил баромада, *ламаркизмро* инкор намудааст. Таълимоти В. ба инкишофи минбаъдаи назарияи Дарвин боис гардид.

ВЕКСЕЛЬ (нем. Wechsel — мубодила), навъи коғази қиматнок, ҳуҷҷати қонунан муқарраргардидаи муомилоти қарз, ки ба соҳибаш (дорандаи В.) баъди адои мӯҳлати ӯҳдадорӣ ҳуқуқи аз қарздор талаб кардани маблаги муайянро медиҳад. В. ду хел: оддӣ ва бавосита мешавад. В.-и о д д и санади қарз аст, ки қарздиҳанда ба қарзҳоҳ медиҳад, В.-и б а в о с и т а р о қарздиҳанда дар шакли фармони хаттӣ ба қарздор дар он хусус медиҳад, ки ба касе миқдори муайянӣ маблағро супорад. В.-и бавосита дар савдои байналхалқӣ ба ҷои пули нақд ҳамчун воситаи муомилот амал мекунад. Аз рӯи хусусият В.-и хусусӣ ва давлатӣ мешавад. В.-и д а в л а т и р о давлатҳои бурҷуазӣ барои пардохти харҷи ҳуд мебароранд. В.-и х у с у с и ӣ тиҷоратӣ ва молиявӣ мешавад. В.-и тиҷоратиро барои насия гирифтани мол медиҳанд. В.-и молиявӣ аз тарафи капиталистон барои аз банк ба ивази В. гирифтани пул дода мешавад. Аз охири а. 19 сар карда банкҳои хусусии Туркистон муомилаи В.-ро васеъ ба роҳ монданд. Дар СССР, аз ҷумла дар Тоҷикистон В.-ро дар давраи сиёсати нави иқтисодӣ дар доду гирифти корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ истифода мебурданд. Дар СССР В. ва муомилоти векселӣ с-ҳои 1930—31 барҳам хӯрд. Ҳукумати Советӣ В.-ро танҳо дар савдои беруни бо мамлакатҳои капиталистӣ истифода мебарад.

ВЕКСЛЕР Владимир Иосифович (4. 3. 1907, Житомир — 22. 9. 1966, Москва), физики советӣ, акад. АФ СССР

(1958, аъзо-корр. 1946). Акад. — котиби шӯъбаи физикаи ядрои АФ СССР (1963—66). Аъзои КПСС аз с. 1937. Ин-ти энергетикии Москваро хатм кардааст (1931). Дар Ин-ти физикаи АФ СССР (1936) ва Дубна (1949) кор кард; асосгузор ва роҳбари лабораторияи энергияҳои баланд дар Дубна (1954). Корҳои илмии В. ба принципҳои физикии тезондани заррачо, физикаи заррачои баландэнергия ва нурҳои кайҳонӣ бахшида шудаанд. В. барои тезонидани заррачои заряднок чанд методи нав пешниҳод кард: С. 1944 принципи автофазирониро пеш ниҳод. Ин принцип имкон дод, ки ҳадди дастраси энергияи заррачо ҳазорҳо маротиба зиёд карда шавад. С-ҳои 1956—66 ба ном методи суръатфизони коллективиро асос гузошт. Бо роҳбарии В. дар Дубна нахустин дар СССР синхротрон (1947) ва синхрофазотрон (1957) сохта шуд. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1959), Мукофоти давлатии СССР (1950) ва Мукофоти байналхалқии «Атом барои сулҳ» (1963). Бо 3 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВЕКТОР (лот. Vector — баранда), порчаи самт додашуда, ки аввал (нуқтаи гузориш) ва охираш муайян аст. Барои ишорати В. ё ҳарфҳои сиёҳи лотинӣ $a, b, \ldots$ ва ё ҳарфҳои муқаррарии дар болояшон хатча ё тирчадор $\bar{a}, \vec{a}, \ldots$ истифода мешаванд. В.-и аввалаш дар нуқтаи A ва охираш дар нуқтаи B буда бо $\overline{AB}$ ишорат мешавад. Хати росте, ки дар он В. воқеъ мебошад, хати таъсири В.- и мазкур ном дорад. В.-ҳоро ҷамъ ва зарб кардан мумкин аст (ниг. *Ҳисоби векторӣ*). В.-е, ки аввалу охираш якҳоя меафтад, В.-и нолӣ ва В.-е, ки модулаш ба 1 баробар аст, В.-и воҳидӣ ё орт ном дорад. Се навъ В. — о з о д, л а ғ ж а н д а ва в о б а с т а мавҷуд аст. Агар ҳангоми ба таври дилхоҳ параллелона кӯчонидан қимати В. тағйир наёбад, онро В.-и озод меноманд. Мас., суръати ҳаракати нуқтаи материалӣ В.-и озод мебошад. Агар ҳангоми бар қади хати таъсир параллелона кӯчонидан, қимати В. тағйир наёбад, В. лағжанда ном дорад. Мас., қувваи ба ҷисми мутлақ сахт гузошташуда В.-и лағжанда аст. Агар аввали В. муқаррар бошад, онро векторӣ вобаста меғӯянд. Мас., қувваи ба ягон нуқтаи ҷисми чандир таъсиркунанда. Хосияти В.-ҳои озодро бо методҳои алгебраи векторӣ меомӯзанд. Мафҳуми умумии В. ҳамчун элементи фазои векторӣ бо тарзи аксиоматӣ муайян карда мешавад. *М. Исматов.*

ВЕКТОРМЕ́ТР, асбоби электрикиест барои чен кардани қимати миёнаи қувва ва фазаи ҷараёни тағьирёбанда ё шиддати электрикӣ. Бо ёрии В. қимати лаҳзагии *қувваи ҷараён* ва шиддатро чен карда, вобаста ба вақт графики тағьири онҳоро сохтан мумкин аст. В. дар тадқиқи лабораторий схема ва таҷҳизоти мураккаби электрикӣ ва г. истифода мешавад.

ВЕКТОРҲО́И ХО́Си табдили хаттӣ, векторҳои ғайринолиеанд, ки ҳангоми табдили мазкур самташонро тағьир надода, танҳо ба скаляр зарб мешаванд. Координатаҳои В. х.-и табдили хатии фазои n — чена $(x_1, x_2 ..., x_n)$, ки матрицаи табдилиаш $\|a_{ij}\|$ аст, системаи муодилаҳои хаттии якчинсаи $\Sigma a_{ij}x_j = \lambda x_i$ ро қонеъ мегардонад ($i = 1, 2, ..., n$ ва λ — яке аз қиматҳои хоси матрицаи мазкур). *М. Исматов.*

ВЕ́КУА Илья Несторович (6. 5. 1907, деҳаи Шешелеты, РСС Гурҷ.— 2. 12. 1977, Тбилиси), математик ва механики советӣ, акад. ФРСС Гурҷ. (1946) ва АФ СССР (1958), президенти акад. АФРСС Гурҷ. (1972—77), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1969). Аъзои КПСС аз с. 1943. Ректори Ун-ти Новосибирск (1959—64), ректори Ун-ти Тбилиси (1965—72). Асарҳои ӯ ба соҳаҳои нави физикаи математикии муосир бахшида шудаанд. Тадқиқоти ӯ дар соҳаи муодилаҳои дифференциалии ҳосилаҳояш хусусӣ ба буньёд кардани назарияи таҳлилии муодилаҳои навъи эллиптикӣ мансубанд. В. дар назарияи муодилаҳои интегралии якченаи сингулярӣ саҳми калон гузошт, гурӯҳи масъалаҳои канории эллиптикии ғайрифредгольмиро кашф намуд, дар механика тарзи нави назарияи ҷилдҳои чандир ва назарияи ҷилдҳои бе моментро пешниҳод кард. Бо Ин-ти математикаи АФ РСС Тоҷ. ҳамкории илмӣ дошт. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7—9). Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1950) ва Мукофоти ленинӣ (1963). В. 5 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо дорад.

ВЕ́КШИНСКИЙ Сергей Аркадьевич (27. 10. 1896, Псков—20. 09. 1974), олими советӣ, мутахассиси соҳаи техникаи электровакуумӣ, акад. АФ СССР (1953; аъзокорр. 1946), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1956). Аъзои КПСС аз с. 1940. С-ҳои 1941—44 усули нави ҳосил ва тадқиқ кардани омехтаи хӯлаҳоро кор карда баромад. Ихтироъкори як қатор асбобҳои электронӣ. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1946). Бо ордени Ленин, ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВЕ́ЛИХОВ Евгений Павлович (тав. 20. 1. 1935, Москва), физики советӣ, акад. АФ СССР (1974; аъзо-корр. 1968). Аъзои КПСС аз с. 1971. Пас аз хатми Ун-ти давлатии Москва (1958), дар Ин-ти энергияи атомии ба номи И. В. Курчатов кор мекунад (ҷонишини директор аз 1971). Проф. Ун-ти Москва (1968). Корҳои илмии В. асосан ба соҳаи физикаи плазма ва гидродинамикаи магнитӣ бахшида шудаанд. Бо роҳбарии ӯ генераторҳои импульсии магнитогидродинамикӣ сохта шудаанд, ки онҳо барои тадқиқи табақаҳои чуқури қишри Замин, пешгӯӣ кардани заминҷунбӣ ва ҷустуҷӯи сарватҳои зеризаминӣ васеъ ба кор бурда мешаванд. Усулҳои нави сохтани генераторҳои плазмавии оптикиро пешниҳод кард. Оид ба устувории плазмаи баландҳарорат ва «назарияи квазихаттӣ»-и плазмаи турбулентӣ тадқиқот бурдааст. В. андӯзандаҳои магнитии индуктивиро сохтааст, ки дар тадқиқоти термоядрӣ истифода мешавад. В. роҳбари илмии тадқиқот оид ба синтези термоядрои идорашаванда дар СССР мебошад (1977). Бо ордени Ленин ва ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

ВЕ́ЛЛИНГТО́Н, ҷазира дар назди сохилҳои Чили. Ниг. *Уэллингтон.*

ВЕЛОДРО́М (аз *велосипед* ва юн. dromos — давидан, ҷои мусобиқа), велотрек, иншоотест (пӯшида ё кушода) барои машқ ва мусобиқаҳои *велосипедронӣ,* ки аз треки трибунадор ва биноҳои ёрирасон иборат аст. В. тақрибан 0,5 км дарозӣ дорад. Дар Тоҷикистон треки беҳтарин дар ш. Ленинобод с. 1972 сохта шудааст.

ВЕЛОСИПЕ́Д (лот. Velox — теез, босуръат ва pes — пой), соддатарин нас-



Велосипеди сабук.

клиётӣ ду ё сечарха, ки бо қувваи пой ба ҳаракат меояд. В.-ҳое низ мавҷуданд, ки бо қувваи даст (барои маъюбон) ва бо муҳаррик (мопедҳо) ба ҳаракат оварда мешаванд. В. аз чарх 1, рама 2, зин 3, руль 4, педаль 5, занҷир 6 ва ду чархаки дандонадор 7 иборат аст. Ҳангоми зер кардани педаль чархаки пеши бо педаль ҳаммеҳвари он занҷирро, занҷир бошад чархаки ба чархи ақиб маҳкам кардаро ба ҳаракат меорад. В. бо тормози дастӣ ё пой ҷиҳозонида мешавад. В.-ҳо аз рӯи таъинот муқаррарӣ (занона, мардона, бачагона), спортӣ ва махсус (боркаш, циркӣ, ядакдор ва г.) мешаванд.

Аввалин намунаи В.-ҳои чорчархаро ихтироъкорон: Г. Ганитшель (Германия, 1649), Р. Ла Рошелли (Франция, 1693), Л. Шамшуренков (Россия, 1752), Овенден (Англия, 1761) ва диг. сохтаанд. Нахустин В.-и дучархаи педальдорро дар Россия деҳқони оддӣ Е. М. Артамонов (1801) сохт. Суръати В.-ҳои муқаррарии ҳозира ба 10—30 км/с, муҳаррикдор ба 30—50 км/с, спортӣ то ба 100 км/с мерасад. В.-ҳои ватанӣ дар з-дҳои велосипедсозии Харьков, Москва, Пенза, Рига ва г. истеҳсол мешаванд.

ВЕЛОСИПЕДРО́НИ, навъи спорт, ки дар ҷойҳои ноҳамвор, роҳи сангфарш ва пайраҳаҳо гузаронида мешавад. В. барои мустаҳкам кардани саломатӣ ва инкишофи қувваи ҷисмонӣ аҳамияти калон дорад. Аввалин мусобиқаи расмӣ оид ба В. с. 1869 дар Франция сурат гирифт. В. аз с. 1896 ба программаи Бозиҳои олимпӣ дохил шуд. С. 1918 барои гирифтани ҷои якум дар РСФСР ва 1923 дар СССР оид ба В. мусобиқа барпо гардид. Дар Тоҷикистон ба ин намуди спорт дар 99 секцияи В. 4859 варзишгарон машғуланд (1978). Дар республика оид ба В. 84 Устоди спорти СССР, 138 номзад ба Устодии спорт в... Устоди спорти класси байналхалқӣ (С. Ҳусейнов ва А. Тихонов, ҷамъияти ихтиёрии спортии «Динамо») тайёр карда шуданд (1978). *О. А. Заньхова.*

ВЕ́НА, варид, сиёҳраг, раге, ки аз он хун ба дил меравад. Аз В.-ҳои давраи калони гардиши хун хуни аз гази карбон, ҳосилаҳои мубодилаи моддаҳо, гормонҳо ва диг. моддаҳо сершуда, ки аз қисмҳои гуногуни бадан ҷамъ мешавад, ба пешдили рост, аз В.-ҳои давраи хурди гардиши хун хуни аз оксиген сершуда ба пешдили чап дохил мешавад. Ибтидои системаи В. шабакаи мӯйрагҳо (капиллярҳо) аст. Дар ин ҷо аввал веначаҳо ҳосил шуда, минбаъд ба В.-ҳои миёна ва калон мубаддал мешаванд. Деворaи В. назар ба деворaи артерия нозук ва чандиртар аст. Фишори хуни В. хеле паст (дар В.-ҳои калон аз фишори атмосферӣ ҳам пасттар) мебошад. Ҳаракатҳои қафаси сина, ҷунбишҳои диафрагма, кашишхӯрихои мушакҳо барои дар В. гардиш кардани хун ёрӣ медиҳанд. Дар В. клапанҳо мавҷуданд, ки ҳангоми боз шудани онҳо хун танҳо ба дил дохил мешавад.

ВЕ́НА (Wien), пойтахти Австрия. Дар доманаи к-ҳои Альп, дар ҳарду сохили д. Дунай воқеъ аст. Масса 415

км². Аҳол. 1680 ҳаз. наф. (1976). Иқлимаш нарм, ҳарор. миёнаи янв. —1,5° С, июль қариб 20° С. Яке аз узелҳои калонтарини нақлиётии Европа. Аэропорти Швехат аҳамияти байналхалқӣ дорад. Дуюмин бандари

Вена. Калисои ҳазрати Карл Борромей.

калонтарини Дунай (баъди Липц). Ба В. $^2/_5$ маҳсулоти умумии саноати мамлакат ва зиёда аз $^4/_5$ сармояи банкҳо рост меояд. Саноати мошинсозӣ (махсусан электротехника, радиоэлектроника, механика ва оптикаи дақиқ, дастгоҳсозӣ, асбобсозӣ ва г.), нефту химия, бофандагӣ, дӯзандагӣ, полиграфия, коғаз, мебель, хӯрокворӣ тараққӣ кардааст. Асбобҳои мусиқӣ, инчунин барои экспорт пойафзол, либосҳои трикотажӣ ва шляпа тайёр мекунанд. Ун-т, мактаби олии техникӣ, Ин-ти савдои чаҳонӣ, Академияи санъати тасвирӣ, Академияи фанҳои Австрия, ин-т ва ҷамъиятҳои илмӣ,

Вена. Қасри Шёнбрунн.

Китобхонаи миллӣ, музейҳо, пигористон ва театрҳо дорад. Аз осори меъморӣ: калисои ҷомеи ҳазрати Стефан (а. 12), кароргоҳи собиқи Габсбургҳо — Хофбург (1552), Китобхонаи миллӣ (1723—35) ва г. боқӣ мондаанд. В. аввалин бор дар сарчашмаҳои с. 881 зикр шудааст. Аз а. 12 кароргоҳи герцогҳои Австрия. С-ҳои 1867—1918 пойтахти Австро-Венгрия. Дар В. бастакорон В. А. Моцарт, Л. Бетховен, нависанда С. Цвейг, табиатшинос Г. И. Мендель зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

ВЕНГЕРҲО, мачорҳо, миллат, ки зиёда аз 96% аҳолии Республикаи Халқии Венгрияро ташкил медиҳад. Тақрибан 10 400 ҳаз. наф. (1976). Дар Румыния (бештар аз 1,6 млн. аз ҷумла гурӯҳи махсуси этникии секейҳо ё ҳуд секлерҳо — такр. 0,6 млн), Чехословакия (бештар аз 0,4 млн), Югославия (зиёда аз 0,5 млн), СССР (такр. 0,2 млн дар вил. Закарпатияи РССУ), ШМА (такр. 0,2 млн), Канада (такр. 0,1 млн), Америкаи Ҷанубӣ (асосан дар Аргентина), РФГ, Австрия ва диг. мамлакатҳо низ зиндагӣ мекунанд. Ба *забони венгерӣ* гап мезананд. Аксарияти диндорон католик, қисмашон кальвинист. Охири а. 9 сарзамини ҳозираи Венгрияро қабилаҳои угории бодиянишини ҷорводори венгерҳо ишғол кардаанд, ки аввал дар ҳавзаи Кама, баъд дар даштҳои назди Баҳри Сиёҳ сокин буданд. Нимаи 1-уми а. 16 қисми калони Венгрияро туркҳо забт карданд. Рев. с-ҳои 1848—49 дар Венгрия ба ташаккули шуури миллӣ ва муттаҳид ғардидани миллати венгер кӯмак расонд. Роҷеъ ба таърих, ҳоҷагӣ, маданияти В. ниг. низ *Венгрия*.

Ад.: Народы зарубежной Европы, т. 1, М., 1964.

ВЕНГРИЯ, Маҷористон (Magyarország), Республикаи Халқии Венгрия, РХВ (Magyar Népköztársaság), давлат дар Европаи Марказӣ. Дар Шим. бо Чехословакия, дар Ғ. бо Австрия, дар Ҷ. бо Югославия, дар Ш. бо Румыния ва дар Шим. Ш. бо СССР ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 93 ҳаз. км². Аҳол. 10,625 ҳаз. наф. (1977). Пойтахташ — Будапешт. Аз ҷиҳати маъмурӣ ба 19 медье (вилоят) тақсим шудааст. Ш-ҳои Будапешт (аҳол. 2065 ҳаз. наф., 31 дек. 1975), Дебрецен, Мишкольц, Печ ва Сегед ба воҳиди алоҳидаи маъмурӣ ҷудо шудаанд. Забони давлатӣ — венгерӣ. Аксарияти диндорон католиканд.

Сохти давлатӣ. В. давлати социалистӣ, республикаи халқист. Конституцияи ҷориаш аз 20 авг. 1949 вуҷуд дорад. Органи олии ҳокимияти давлатӣ ва органи қонунбарор — Маҷлиси давлатии якпалатагӣ, ки аҳолӣ онро ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунад. Вазифаи онро дар давраи байни сессияҳои Маҷлиси давлатӣ Президиуми РХВ, ки Маҷлиси давлатӣ интихоб мекунад, иҷро менамояд. Органи олии идоракунии давлатии В. Совети Вазирон аст, ки онро Маҷлиси давлатӣ интихоб мекунад. Органҳои маҳаллии ҳокимият — советҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, районӣ ва қишлоқӣ мебошанд, ки ба мӯҳлати 4 сол интихоб мешаванд.

Системаи судӣ: Суди Олӣ, судҳои вилоятию районӣ ва суди ҳарбӣ.

Табиат. Дунай мамлакатро ба 2 қисми аз ҷиҳати табиию географӣ гуногун тақсим мекунад. Дар Ш. Дунай — пастии калони Дунаи Миёна (Альфёльд) воқеъ гашта, онро дар Шим. шохаҳои кӯҳи Карпат (баландиашон 800—1000 м) иҳота кардаанд. Қисми зиёди соҳили рости Ду-

1. Будапешт. Манзараи р-ни Пешти пойтахт аз кӯҳи Геллерт. 2. Шаҳри Эгер. Маҳаллаи нави истиқоматӣ дар доманаи к. Надьэгед. 3. Татабанья. Манзараи шаҳр. 4. Мишкольц. Маҳаллаи кӯҳна ва нави шаҳр. 5. Шаҳри Печ. Майдони ба номи Сеченья.

1780 1781 1782

найро ҳамвории сертеппаи Дунантуль ишғол кардааст. Дар Шим. Ғ. мамлакат пастии хурди Дунаи Миёна паҳн гардидааст, ки танҳо қиоми ҷанубии он ба В. тааллуқ дорад.

Иқлими В. мўътадили континентӣ (ҳарор. миёнаи июль аз 20° то 22,5° С, янв. аз —2° то —4° С). Боришоти солона 450—900 мм. Д-ҳои асосӣ — Дунай ва шохоби чапи он Тиса. Кўли калонтарин — Балатон. Заминаш асосан сиёҳхок, дар Шим. ва Ғ. тирахоки ҷангалӣ ва чиму карбонатдор. Қариб 16% терр. В.-ро бешаи табиӣ ва сунъӣ (булут, бук ва ғ.) ишғол намудааст. Аз сарватҳои зеризаминӣ боксит, нефть, ангишт-санг ва ангишти бўр, маъдани оҳан ва гази табиӣ мавҷуданд. Аз ҳайвонот рўбоҳ, заргўш, юрмон, хорпушт, паррандаҳои гуногуни даштӣ ва бешагӣ (бум, эзорсурхак ва ғ.) паҳн шудаанд.

Аҳолӣ. Зиёда аз 96% аҳолиро венгерҳо (маҷорҳо) ташкил медиҳанд. Инчунин дар мамлакат словакҳо, румынҳо, немисҳо, хорватҳо, сербҳо, лўлиҳо ва диг. халқҳо зиндагӣ мекунанд. Зичии аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар 1 км² 111 наф. (ҷои 10-ум дар Европа). Қариб 45% аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад. 42% аҳолии шаҳрнишини мамлакат сокини Будапештанд.

Очерки таърихӣ. Одам дар терр. В. аз давраи палеолит зиндагӣ мекунад. Қабилаҳои скифҳо, иллирийҳо ва кельтҳо қадимтарин сокинони В. буданд, ки Рими Қадим онҳоро а. 1 то м. ва ибтидои а. 2 м. истило намуда, терр. В.-и ҳозираро ба музофоти Паннония ҳамроҳ карда буд. Дар давраи Муҳоҷирати бузурги халқҳо дар терр. В. халқҳои герман ва турк зиндагӣ мекарданд; дар а. 6 славянҳо пайдо шуданд. Қисми терр. В. ба ҳайати давлати Моравияи Кабир ва князии Блатен дохил шуд. Охири а. 9 дар терр. В.-и ҳозира, дар ноҳияҳои байни Тиса ва Дунай қабилаҳои бодиянишин — венгерҳои чорводор маскан гирифтанд. Давлати феодалии венгерҳо дар замони Иштвани I (997—1038 ҳукм рондааст) аз сулолаи Арпадҳо ташаккул ёфт. В. тақрибан с. 1001 ба давлати шоҳӣ табдил ёфт ва дар он дини насронӣ ҷорӣ шуд. Қўшунҳои муғулҳо с. 1241 ба терр. В. ҳуҷум карда, с. 1242 аз хоки В. баромаданд. Қўшунҳои Туркия бори аввал ба В. а. 15 дохил шуданд. Дар ҷанги зидди империяи Усмониён лашкаркаши венгер Я. Хуньяди корнамой кард. Дар замони шоҳ Матьяш Хуньяди (1458—90 ҳукм рондааст) ҳокимият мустаҳкам ва марказонида шуд. С-ҳои 1437—38 дар Шим. Ш. В. ва Трансильвания, ки ба шоҳии В. дохил буд, шўриши деҳқонон бар зидди феодалҳо ба вуҷуд омад, ки он бераҳмона пахш карда шуд. Ҷанги байни феодалҳо охири а. 15 ва ибтидои а. 16 аз нав сар шуда, зулми помещикон авҷ гирифт. С. 1526 баъди дар ҷангҳои пазди Мохач шикаст хўрдани қўшунҳои венгеру чех қисми миёнаи В. зери асорати Туркия монд. Дар қисми ғарбӣ ва шимолии В. Габсбургҳо ҷо гирифтанд. Дар Ш. князии Трансильвания ташкил шуд, ки вассали империяи туркҳои усмонӣ буд. А-ҳои 16—17 халқи венгер ба муқобили истилогарони Туркия ва баъд бар зидди Габсбургҳо мубориза бурд. С. 1686 армияи императори Австрия ва қўшунҳои венгер туркҳоро аз хоки В. пеш карданд. С-ҳои 1703—11 ба муборизаи озодихоҳонаи зидди Габсбургҳо феодал Ференци II Ракоци сардорӣ кард. Аммо аз сабаби номусоидии вазъияти байналхалқӣ ва қафомонии иқтисодӣ муборизаи озодихоҳонаи халқи венгер барор нагирифт. Охири а. 18 дар В. муносибатҳои капиталистӣ ташаккул ёфта, с-ҳои 30—40-уми а. 19 марказҳои саноатӣ (калонтаринаш Пешт) ба вуҷуд омаданд. Инкишофи муносибатҳои молию пулӣ бўҳрони системаи феодалию ғуломдориро тезонид. Ин ба сар шудани Рев. буржуазии 1848—49 (роҳбарони намоёни он — Л. Кошут, Ш. Петефи, М. Танчич) замина ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи революцияи буржуазӣ муносибатҳои феодалию-крепостной асосан барҳам хўрданд. Реакцияи Австрия аз Россияи подшоҳӣ ёрӣ талабид. Баъди шикасти революция дар В. режими террористии мутлақ барқарор гардид. Аммо Габсбургҳо барои аз нав барқарор намудани сохти крепостной ҷуръат накарданд. Дигаргунсозиҳои капиталистии х. қ. дар В. барои миллионҳо деҳқонон бо роҳи пуразоби ба ном пруссиягӣ мегузашт. Ҷанги Австрия — Италия—Франсияи с. 1859, ки дар он қўшунҳои Австрия шикаст хўрданд, сустии мутлақияти Габсбургҳоро нишон дод. Мувофиқи созишномаи Австрияю Венгрия (1867) империя ба монархияи дугонаи Австрияю Венгрия табдил ёфт. Пуразўршавии истисмори капиталистӣ ва афзоиши синфи коргар боиси инкишофи ҳаракати коргарӣ гардид. Охири с-ҳои 60—70-ум аввалин ташкилотҳои социалистии коргарӣ (Иттифоқи умумии коргарӣ, Партияи умумии коргарӣ) ба вуҷуд омаданд. Дар инкишофи ҳаракати социалистии коргарӣ К. Фаркаш ва Л. Франкель роли калон бозидаанд. Охири а. 19 дар В. процесси гуазариш ба империализм оғоз ёфт. Дек. 1890 Партияи с.-д.-и В. (ПСДВ) ташкил шуд. С-ҳои 90-ум ташкилотҳои аввалини касабавӣ ба вуҷуд омаданд. Бо таъсири Рев. 1905—07 дар Россия ҳаракати коргарӣ дар В. авҷ гирифта, муборизаи халқҳои мазлум тезу тунд шуд. 23 мае 1912 дар Будапешт корпартой ва намоиши сиёсӣ ба вуқўъ омад, ки ба задухўрди ярокнок бо аскарон («Панҷшанбеи хунин») табдил ёфт. Дар зери таъсири Рев. Каб. Соц. Октябрь ҳаракати революционӣ ва миллии озодихоҳӣ дар В. вусъат ёфт. Дар рафти корпартоиҳо дар нимаи якуми с. 1918 аввалин Советҳои коргарӣ ба вуҷуд омаданд. 31 окт. 1918 корпартоии умумӣ сар шуд, ки баъд-

1. Кўҳистони Бюкк дар шим. Венгрия. 2. Каналы обёрӣ. 3. Дарьёи Дунай дар қарибии Вишеград.

1783 1784 1785

тар ба Рев. демократӣ табдил ёфт. 16 нояб. 1918 В. республика эълон шуд. Буржуазия ба сари ҳокимият омад. Вале ба ҳамаи миллатҳо ҳуқуқи баробар дода нашуд, деҳқонон соҳиби замин нагаштанд. 24 нояб. 1918 Партияи Коммунистии Венгрия (ПКВ) таъсис ёфт, ки ба муборизаи синфии коргарону деҳқонони заҳматкаш роҳбарӣ кард. 21 марти 1919 дар натиҷаи ғалабаи Рев. пролетарӣ Республикаи Советии Венгрия (РСВ) эълон шуд. Ҳамон вақт ҳар ду партия — ПКВ ва ПСДВ ба партияи социалистӣ муттаҳид гардиданд. Буржуазияи байналхалқӣ бо ёрии реакцияи дохилӣ 7 авг. 1919 ҳокимияти пролетариро дар В. сарнагун ва режими фашистии М. Хортиро аз нав барқарор кард. Мувофиқи шартномаи сулҳи Трианон (1920) сарҳадҳои баъдиҷангии В. муайян шуданд. Ягона партияи революционӣ — ПКВ ба пинҳонкорӣ гузашт. С. 1939 В. ба муоҳидаи зидди Коминтерн ва 1940 ба муоҳидаи се давлат — Германия, Италия, Япония ҳамроҳ шуд. С-ҳои 1938—39 дар таҷсими Чехословакия иштирок дошт. В. ҳамчун пайрави Германияи фашистӣ апр. 1941 дар ҳуҷум ба Югославия ва июни 1941 зидди Иттифоқи Советӣ иштирок кард. 19 марти 1944 В.-ро қӯшунҳои фашистӣ ишғол намуданд. Қуввахои ватандӯст барои аз блоки фашистӣ баромадани В. ва ташкили муқобилати мусаллаҳи зиддифашистӣ муборизаро вусъат доданд. Зиёда аз 10 отряд ва қисмҳои партизанӣ амал мекарданд. Сент. 1944 Армияи Советӣ ба озодкунии ҳоки В. сар кард. 15 окт. 1944 Хорти ҳокимиятро ба гумоштаи Гитлер Ф. Салаши супорид. Аз тарафи қӯшунҳои советӣ торумор карда шудани фашистони гитлерӣ ба революцияи умумидемократӣ сабзида расидани вазъияти революциониро, ки аз тирамоҳи с. 1944 ташаккул меёфт, хеле осон кард. Масъалаҳои асосии революция — ташкили ҳокимияти демократии халқӣ, аз фашистон озод намудани мамлакат ва гузаронидани ислоҳоти аграрӣ дар рафти аз тарафи қӯшунҳои советӣ аз душманон озод кардани мамлакат ҳал мешуданд. Дек. 1944 дар Дебрецен Маҷлиси миллии муваққатӣ ҷамъ омад, ки 22 дек. Ҳукумати муваққатии миллии коалициониро ташкил дод. Ҳукумати муваққатии миллӣ 28 дек. 1944 ба Германияи гитлерӣ ҷанг эълон карда, 20 янв. 1945 дар Москва бо СССР ва иттифоқчиёни он сулҳ баст. Армияи Советӣ 4 апр. 1945 В.-ро аз фашистони истилогар пурра озод кард. 1 февр. 1946 В. республика эълон шуд. Барои барқарор шудани иқтисодиёти В. ёрии Иттифоқи Советӣ роли калон бозид. Авг. 1946 инфляция (бекурбшавии пул) боздошта шуд ва валютаи нав—форинт ҷорӣ гардид; Маҷлиси миллӣ плани 3-солаи (1947—49) азнавбарқароркунӣ ва тараққиёти минбаъдаи хоҷагии халқи В.-ро қабул кард. Дар интихоботи парламент авг. 1947 ПКВ 22% овоз гирифта, партияи асосии мамлакат гардид. 21 нояб. 1947 парламент дар бораи милликунонии банкҳои калону корхонаҳои тобеи онҳо қонун қабул намуд. Июни 1948 ПКВ дар асоси принципҳои марксизм-ленинизм бо ПСДВ муттаҳид шуд, ки дар натиҷа Партияи меҳнаткашони Венгрия (ПМВ) ташкил ёфт. То тобистони с. 1948 процесси гузаштан аз рев. умумидемократӣ ба рев. социалистӣ анҷом ёфта, ҳокимият пурра ба дасти синфи коргару деҳқон гузашт. ПМВ роҳи сохтмони социалистиро пеш гирифт. 18 авг. 1949 конституция қабул карда шуд, ки он мувaффақиятҳои иҷтимоию иқтисодиро юридикӣ мустаҳкам гардонд ва мувофиқи ҳамин В. Республикаи халқӣ эълон шуд. Охири с. 1949 плани 3-солаи азнавбарқароркунӣ ва тараққиёти минбаъдаи хоҷагии халқ пеш аз мӯҳлат иҷро гардид ва дар натиҷаи бомуваффақият иҷро шудани плани 5-сола (1950—54) В. ба давлати индустриявию аграрӣ табдил ёфт. Дар рафти сохтмони социалистӣ роҳбарони ПМВ (М. Ракоши ва диг.) хатоҳои ҷиддӣ содир карданд. Боқимондаи қуввахои реакционӣ бо иғвои империализми байналхалқӣ ба гурӯҳи ревизионистии И. Надь (сарвазир) такья намуда, аз хатоҳои роҳбарони ПМВ истифода бурда, исёни контрреволюционӣ (23 окт.— 4 нояб. 1956) бардоштанд. Ҳукумати революционии коргарону деҳқонон, ки аввали нояб. 1956 ташкил шуд, бо сардории Я. Кадар бар зидди контрреволюция бо қатъият муборизa бурд. Дар натиҷаи амалиёти қуввахои революционии В. ва қисмҳои Армияи Советӣ, ки мувофиқи шартномаи с. 1955 Варшава дар ҳоки В. буданд ва вазифаи интернационалии худро иҷро мекарданд, нояб. 1956 қуввахои контрреволюционӣ торумор карда шуданд. Маҷлиси давлатӣ (сент. 1970) доир ба плани панҷсолаи 4-ум (1971—75) қарор қабул кард. Сиёсати берунии В. сиёсати ҳамзистии осоишта бо мамлакатҳои сохти иҷтимоиашон гуногун, сиёсати сулҳ ва дӯстии байни халқҳост. В.— аъзои Советӣ ёрии байниҳамдигарии иқтисодӣ (аз янв. 1949), иштирокчии Шартномаи Варшава (аз мои 1955), аъзои ТДМ (аз дек. 1955). В. бо 117 (1976) мамлакат муносибати дипломатӣ ва бо 140 мамлакат муносибати тиҷоратӣ дорад.

Партияҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттифоқҳои касаба. *Партияи социалистии коргарии Венгрия* (ПСКВ), давомдиҳандаи кори Партияи Коммунистии В. аст, ки 24 нояб. 1918 ташкил ёфта буд. Июни 1948 баъди бо ПСДВ муттаҳид шудан партияи меҳнаткашони В. номида шуд. Дар натиҷаи азнавташкилдиҳии партияи меҳнаткашони Венгрия аз нояб. 1956 ПСКВ ном гирифт.

Фронти халқии ватанӣ (ФХВ), аз Фронти Венгрия ва Фронти миллии истиқлолияти Венгрия (1944) ба вуҷуд омадааст. Аз 23 окт. 1954 ҳамчун иттиҳодияи сиёсии қуввахои зиддифашистӣ ФХВ номида мешавад. Ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, ҷавонон, журналистон ва диг. ташкилотҳои ҷамъиятиро дар таҳти роҳбарии ПСКВ муттаҳид менамояд.

Иттифоқҳои касабаи Венгрия, с-ҳои 90-уми а. 19 ташкил шуда, 19 иттифоқи касабаи соҳавиро муттаҳид мекунанд. Органҳои роҳбарикунандаи байни конгрессҳо — Совети иттифоқҳои касабаи Умумивенгрӣ (таъсисаш с. 1945) мебошад.

Иттифоқи коммунистии ҷавонони Венгрия, марти 1957 таъсис ёфта, ба Федерацияи умумиҷаҳонии ҷавонони демократ дохил аст.

Совети умумивенгрии занон, с. 1945 ташкил ёфта, ба Федерацияи умумиҷаҳонии занони демократ дохил аст.

Совети умумивенгрии сулҳ, с. 1949 таъсис ёфтааст. Ҷамъияти дӯстии Венгрияю Иттифоқи Советӣ 9 июни 1945 ба вуҷуд омадааст.

Хоҷагии халқ. В. то ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мамлакати аграрию индустриявии дорои саноати суст тараққикарда ва х. қ. қафомонда буд. Дар х. қ. заминдории калони помещикӣ ва истеҳсоли ғалла, дар соҳаи саноат индустрияи сабук (асосан бофандагӣ ва хӯрокворӣ) бартарӣ дошт. Дар солҳои ҳокимияти халқӣ, дар натиҷаи ба амал баровардани дигаргунсозиҳои куллии иҷтимоию иқтисодӣ дар иқтисодиёт муносибатҳои истеҳсолии социалистӣ ҳукмрон шуданд. С. 1971 даромади миллии В. назар ба с. 1938 4 баробар, истеҳсолоти саноатӣ қариб 8 баробар афзуд. Қариб 55% даромади миллиро саноату сохтмон ва қариб 20% онро х. қ. ташкил дод. В. ба мамлакати индустриявию аграрӣ табдил ёфт.

Саноати вазнин дар В.-и ҳозира роли асосӣ бозида, зиёда аз $^2/_3$ тамоми маҳсулоти саноатро медиҳад. Дар соҳаи истеҳсоли молҳои истеъмолӣ бофандагӣ, дӯзандагӣ ва хӯрокворӣ саҳми калон доранд. Дар баланси энергетикии В. ангишт, хусусан ангишти бӯр, роли калон мебозад (он қариб $^2/_3$ энергияи истеҳсолшавандаро медиҳад). Истеҳсоли нефть ва гази табиӣ меафзояд. Дар Сазҳаломбатта (наздикии Будапешт) дар асоси нефте, ки ба воситаи нефтепроводи «Дружба» аз Иттифоқи Советӣ меҳиранд, з-ди калони сафкории нефть ва

станцияи алавии электрикӣ (ТЭС) кор мекунанд.

Аз маъданҳо боксит (ҷои 2-юм дар Европаи хоричӣ), оҳан ва г. истеҳсол менамояд. Марказҳои асосии металлургияи сиёҳ з-дҳои Мишкольц ва Оэд, комб. нави Дунауйварошанд. Истеҳсоли мошин, дастгоҳ ва таҷҳизоти корхонаҳои гуногун дар солҳои ҳокимияти халқӣ соҳаи асосии саноат гардиданд. Қариб $^3/_5$ саноати мошинсозии В. дар Будапешт ҷой гирифтааст. Саноати химия (марказҳои асосии он — Будапешт, Казинцбарцика, Ленинварош, Сольнок) нурии минералӣ полимерҳо (асосан пластмасса) истеҳсол менамояд. Қариб $^1/_2$ маҳсулоти бофандагиро саноати газвори пахтагӣ медиҳад; саноати бофандагӣ дар пойтахт, қисман дар Шим-Ғ. Дунантуль ва Ҷ. Ш. Альфёльд ҷой гирифтааст. Саноати хӯрокворӣ (ордкашӣ, гӯшт, консерв ва г.) тараққӣ кардааст.

Охири с-ҳои 50-ум дигаргунсозии социалистии х. қ. В. ба охир расид. Қариб 95% заминҳои х. қ. (1972) азони хоҷагиҳои давлатӣ ва кооперативианд. Асосии х. қ. зироаткорист. $^2/_3$ қисми киштзорро ғалла (гандум, ҷуворимакка) ташкил медиҳад. Аз зироатҳои техникӣ (5,6% майдони кишт) лаблабуи қанд, офтобпараст, бангдона мекоранд. Токдорӣ, богдорӣ ва сабзавоткорӣ махсусан дар байни дарёҳои Дунай ва Тиса инкишоф ёфтааст. Зироати хӯроки чорво 20% майдони киштро ташкил медод. Чорводорӣ низ тараққӣ карда $^2/_5$ маҳсулоти х. қ.-ро медиҳад (гов — 1887 ҳаз. сар, хук — 6953 ҳаз. сар, гӯсфанд — 2347 ҳаз. сар, 1976).

В. хатти зиёди р. о. дорад. Тӯли умумиашон қариб 9,5 ҳаз. км. Маркази асосии нақлиёт ва бандар — Будапешт. Тӯли роҳҳои мошингард 29 ҳаз. км. Роҳҳои обии дохилӣ—1,3 ҳаз. км. Қариб 27,3% арзиши экспорти В.-ро (1973) мошин ва таҷҳизоти саноатӣ, 20%-ро молҳои истеъмолии саноатӣ, 28,4%-ро ашьёи хоми саноат, сӯзишворӣ ва маҳсулоти нимтайёр, 24,3%-ро хӯрокворӣ ташкил медиҳад. 68,6% (1975) муомилоти молии савдои берунаи В. ба ҳиссаи мамлакатҳои социалистӣ рост омад. Воҳиди пул — форинт (100 форинт = 7,67, сӯм; февр. 1978).

Қувваҳои мусаллаҳ. Қувваҳои мусаллаҳи РХВ аз армияи халқии Венгрия (АХВ) иборат аст, ки ба он қӯшунҳои хушкигард ва қӯшунҳои мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ, сарҳадчиён ва милицияи коргарӣ дохиланд. Ба АХВ вазири мудофиа сардорӣ мекунад. Қувваҳои мусаллаҳ мувофиқи «Қонуни муҳофизати Ватан» (1960) пурра карда мешаванд. Армияи В. бо танкҳои ҳозиразамон, ракетаҳои гуногункласс, тӯп, авиацияи реактивӣ ва диг. техникаи ҳарбӣ мусаллаҳ мебошад. Ба хизмати ҳарбӣ ҷавонони 18-сола даъват мешаванд.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1973 ба 1000 наф. 15,0 таваллуд, 11,8 фавти умумӣ ва ба 1000 наф. кӯдаки навзод 33,5 фавт рост омад. С. 1973 дар В. 173 беморхонаи дорои 85,9 ҳаз. кат (8,24 кат ба 1000 наф.), 184 поликлиника, 185 диспансери касалии сил, 124 диспансери бемории пӯсту ҷимой, 176 диспансери онкологӣ ва 65 диспансери бемории рӯҳӣ буда, дар онҳо 22,5 ҳаз. наф. духтур (2,2 духтур ба 1000 наф.) ва 83,3 ҳаз. наф. коркуни миёнаи тиб кор мекард. Дар терр. В. курортҳои гуногун (Будапешт, Балатонфюред, Шиофок, Бюкксек, Харкань, Хайдусобасло, Парад, Хевиз, Шиконда, Кекештёте, Лилла-фюред, Тихань ва г.) мавҷуданд. С. 1973 ба нигаҳдории тандурустӣ 4,5% маблаги бюҷети давлатӣ сарф шуд.

Маорифи халқ. Системаи ҳозираи маорифи халқ шабакаи васеи боғчаҳои бачагонро, ки дар онҳо кӯдакони аз 3 то 6-сола тарбия меёбанд, дар бар мегирад. Аз синни 6-солагӣ кӯдакон ба мактабҳои 8-солаи ҳатмии асосӣ дохил мешаванд. Мактаби миёнаи маълумоти умумӣ — гимназия мебошад, ки муддати таҳсил дар он 4 сол буда, поиаи камол ва ҳуқуқи дохилшавиро ба мактабҳои олӣ медиҳад. Дар заминаи мактаби асосӣ мактабҳои миёнаи касбӣ (муддати таҳсил дар ин мактабҳо 4 сол буда, дар онҳо ҳам касб ёд медиҳанд ва ҳам ба гирифтани поиаи камол тайёр менамоянд) ва мактаби 3-солаи ҳунармандӣ мавҷуданд. Мактабҳои олии калонтарин дар Будапешт— Ун-ти ба номи Л. Этвеш, Ин-ти тиббии ба номи Земмельвейс, Ин-ти политехникӣ, Ин-ти илмҳои иқтисодии ба номи К. Маркс; дар Дебрецен — Ун-ти ба номи Л. Кошут ва Ин-ти тиббӣ; дар Сегед — Ун-ти ба номи А. Йожеф ва Ин-ти тиббӣ; дар Мишкольц — Ин-ти политехникии саноати вазнин.

Китобхонаҳои калонтарин: Китобхонаи давлатии ба номи Сеченья, Китобхонаи Ун-ти ба номи Л. Этвеш, Китобхонаи АФ Венгрия, Китобхонаи давлатии техникии ба номи Э. Сабо дар Будапешт, Китобхонаи Ун-ти Дебрецен, Китобхонаи Ун-ти ба номи А. Йожеф дар Сегед. Музейҳои калонтарин дар Будапешт воқеанд: Музеи миллӣ, Пигористони миллӣ, Музеи миллии таърихи табиат, Музеи санъати тасвирӣ, Музеи миллии санъати амалӣ ва г.

Муассисаи калонтарини илмии мамлакат Академияи Фанҳои Венгрия мебошад, ки дар ҳайати худ ин-тҳои марказии физика, химия, математика, физикаи техникӣ, биология ва г. дорад.

Матбуот, радио, телевизион. С. 1973 дар В. зиёда аз 450 газетаю журнал ва зиёда аз 700 номгӯй нашрияҳои диг. ҷоп мешуд. Газетаҳои асосии ҳаррӯза: «Непсабадшаг» («Népszabadsag»), органи КМ ПСКВ; «Непсава» («Népszava»), органи ПСВ; «Мадьяр немзет» («Magyar Nemzet»), органи ФХВ; «Мадьяр хирлап» («Magyar Hirlap»), газетаи ҳукумати. Газетаҳои ҳарҳафтаина: «Сабад фёльд» («Szabad Föld»), органи ФХВ, «Мадьяр ифьюшаг» («Magyar Ifjusag»), ор-

1. Қасри Эстерхаази дар Фертёд. 1760—72; 2. Калисои ҷомеи Тата. 1770—84 (меъмор Я. Фальнер); 3. Музеи миллии Будапешт. 1837—47 (меъмор М. Поллак); 4. Меҳмонхона дар Дебрецен. С-ҳои 60-ум.

1790 1791

гани КМ ВКСМ; журналҳои ҳармоҳа: «Партелет» («Partelet»), органи КМ ПСКВ, «Таршадалми семле» («Társadalmi Szemle»), органи сиёсӣ ва назариявии КМ ПСКВ ва г. Радиошунавонӣ дар В. аз с. 1925 расмӣ шудааст. С. 1973 барномаи радио ба 3 забон, барои хорича ба 8 забон шунавонида мешуд. Телевизион аз с. 1958 мунтазам кор мекунад.

Адабиёт. Аввалин осори хаттӣ (ба забони лотинӣ) ба а-ҳои 11—12 тааллуқ дорад. Дар а-ҳои 13—14 адабиёти диниии венгерӣ вобаста ба фаъолияти орденҳои роҳибони қашшоқ ва ҳаракати гуситҳо рӯ ба тараққӣ ниҳод. Адабиёти давраи Реформация, ки ба забони венгерӣ инкишоф меёфт, бо маданияти гуманистӣ ва руҳияи ватандӯстию зиддифеодалӣ алоқаманд буд. Дар нимаи дуюми а. 16 насри давраи Эҳьё дар шакли воқеаҳои шавқовар, ки аз навиштани ривоятҳои венгерӣ иборат буд, ба миён омадааст. Дар а. 17 дар адабиётк В. услуби барокко мавқеи мустаҳкам пайдо кард, ки барчастатарин шоири он давра М. Зриньи ғояҳои қаҳрамонию ватандустии халқро васф мекард. Ба адабиёти давраи маорифпарварии В. (а. 18 — ибт. а. 19) баъзе хусусиятҳои умумии адабиёти мамлакатҳои диг. Европаи Шарқӣ хосанд (шоирон Я. Бачаньи, М. Фазекаш, М. Чоконаи-Витеза, драматург Й. Катон). Романтизм дар назми халқӣ ва миллии гузашта барои худ замина меҷуст (драмаҳои К. Кишфалуди, лирикаи Ф. Кёльчеи). Баробари инкишофи реализм, ки ҳанӯз дар драмаҳои таърихии «шекспирона»-и Вёрёшмарти зоҳир шудаанд, романтизм ба авҷи инкишоф расид. Дар асарҳои ҷорчии Рев. 1848—49 Ш. Петёфи (1823—49) майлҳои романтикӣ ва реалистӣ равнақ ёфта, мазмуни революционӣ-демократӣ пайдо кардаанд. Нависандагони пешқадами охири а. 19 — ибтидои а. 20 роҳҳои диг. бадеиро ҷустуҷӯ карданд. Эътирозу норозигӣ дар лирикаи Я. Вайда, Й. Киш, Д. Ревицкий, К. Комьяти бештар садо медиҳанд. Муваффақиятҳои натурализми франсавию немисӣ ва реализми танқидии франсавию русиро Ш. Броди, Ж. Мориц ба таври бадей аз нав дарк намуданд. Давраҳои асосии адабиёти В. халқӣ инҳоянд: с-ҳои 1945—49 — давраи муборизаи зидди декаданс, кӯҳнапарастӣ ва таъсири модернизм, мубориза барои эстетикаи реалистӣ; 1949—56 — давраи муваффақияти аввалини реализми социалистӣ; аз с. 1957 — давраи ҳозира. Дар назм Й. Фодоро, Гидаш, И. Ваш, дар наср Т. Дери, Й. Лендьель, Немет, Л. Галамбош ва диг. ҳақиқати ҳозира, ҷиҳатҳои гуногуни ташаккули одами В. навро ба таври бадей васеъ инъикос намудаанд. Аз асарҳои с-ҳои 60-ум, ки тарҷумаи онҳо ба хонандаи советӣ маълум аст, лирикаи иҷтимоӣ ва психологию фалсафии Ийш, Шимон, Ваца, Гараи, романҳои Дарваш, повестҳои Фекет, Шант, Эркен бо тезутундии таҳлили иҷтимоӣ ва амиқии фалсафию психологӣ фарқ мекунанд.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Аз иморатҳои а-ҳои 10—11 В. «маъбадҳои поён» дар Фельдебрё ва Тихань боқӣ мондаанд. Дар а. 11 ва ибтидоӣ а. 13 калисоҳои услуби романӣ пайдо шуданд. Дар а. 12 дар ш. Печ ҳайкалтарошӣ тараққӣ кард. Дар нимаи дуюми а. 15, дар аҳди шоҳ Матьяш Хуньяди санъат ба авҷи инкишоф расид. Ба В. таклиф кардани меъморону рассомони Италия барои инкишофи маданияти давраи Эҳьё кӯмак намуд. Аз охири а. 17 дар санъати В. таъсири Австрия, ки услуби бароккоро тарғиб мекард, зиёд шуд. Дар нимаи якуми а. 19 классицизм паҳн гардид (музеи миллӣ дар Пешт, меъмор М. Поллак). Анъанаи маданияти миллии демократиро санъати В. с-ҳои 1900—10 давом дод (гурӯҳи Надьбанья, А. Феньеш, Л. Медянский, Й. Рипль-Ронаи, Т. Коста-Чонтвари ва диг.).

Баъди дар В. ҷорӣ гардидани диктатураи фашистӣ аксарияти рассомон ба хорича рафтанд (Б. Уитц, Ш. Бортник ва диг.). Баробари дар В. барқарор шудани сохти халқӣ-демократӣ санъат бо ҳаёти ҳаррӯзаи халқ зич алоқаманд шуд. Ба туфайли вусъати бинокорӣ санъати монументалӣ низ тараққӣ кард. Ба меъмории ҳозираи В. хотамкорӣ ва нақшкашию гулкории биноҳо хосанд. Дар пешравии санъати тасвирии РХВ устоҳои насли калонсол — муҳофизони анъанаҳои миллии реалистӣ (гурӯҳи рассомони Альфёлд, рассомон И. Сёньи, А. Бернат, ҳайкалтарошон Ф. Меддьеши, Ж. Кишфалуди-Штробль ва диг.) роли калон бозидаанд. С-ҳои 40—50-ум дар асарҳои рассомон мавзӯъҳои таърихию революционӣ бештар акс меёфтанд. Барои санъати с-ҳои 60-ум офаридани асарҳои ба халқ наздик, ҷустуҷӯи бадей ва умумияти ғоявӣ хос аст.

Мусиқӣ. Сарчашмаи мусиқии В. фольклори мусиқиист. Дар а. 13 санъати мусиқии касбӣ ривоҷ ёфт, ки онро машшоқони дарбор ташвиқ мекар-

1. В. Аба-Новак. «Ярмарка дар ш. Сольнок». С-ҳои 30-юм. 2. Э. Домановский. Порчае аз нақши девори даромадгоҳи марказии комбинати металлургии Дунауйварош. 3. М. Боршош. Ҳайкали И. Барчаи. Аз базальт. 1943. 4. Й. Кереньи. Ҳайкали назди бинои ин-ти фармацевтии Веспрем. Биринҷӣ. С-ҳои 60-ум.

1792

1793

1794

данд. А. 15 дар Буда дар дарбори епископҳои калон капеллаҳо мавҷуд буданд ва онҳо аз диг. мамлакатҳо машшоқонро даъват мекарданд. Дар а-ҳои 17—18 капеллаи князь П. Эстерхази, ки ба он бастакори барҷастаи Австрия И. Гайдн роҳбарӣ мекард, машҳур гашта буд. Охири а. 18 дар В. ба мусиқии Вена ва немисӣ рағбати зиёд пайдо шуд, ки он ба паҳншавии мусиқии венгерӣ таъсири манфӣ расонд. Дар байни шаҳриён мусиқии рақсию инструменталии ба ном вербункош пайдо шуд, ки пешравии он ба эҷодиёти скрипканавозони моҳир ва бастакорон (Я. Бихари, Я. Лавотта ва А. Чермак) вобаста аст. Й. Рузичка дар асоси такмили унсурҳои характерноки вербункош аввалин операи венгерии «Фирори Бела»-ро офарид. Асосгузори операи миллии романтикӣ Ф. Эркель буд (9 опера, аз ҷумла «Банк-бан»-ро с. 1861 ба саҳна гузошт). Фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятии бастакор ва пианинонавози машҳури а. 19 Ф. Лист барои инкишофи маданияти мусиқии В. роли муҳим бозид. С. 1834 мактаби мусиқии миллӣ таъсис ёфт. Ф. Лист дар асоси он Академияи мусиқӣ (1875) ташкил кард. Охири а. 19 машшоқони намоён ба миён омада, мактаби скрипканавозони В.-ро машҳур гардонданд (Э. Ременьи, Е. Хубаи). Дар нимаи якуми а. 20 опереттаҳои бастакорони венгер Ф. Легар ва И. Кальман машҳури ҷаҳон шуданд. Мусиқии нави В., ки дар ибтидои а. 20 ба вуҷуд омад, ба эҷодиёти бастакорон Б. Барток ва З. Кодай вобаста мебошад. П. Кадоша, Р. Марош, А. Михай, Э. Серванский, Ф. Фаркаш, Ф. Сабо, Ш. Соколаи ва диг. аз ҷумлаи бастакорони ҳозиразамони В. мебошанд.

Театр. Драма ба забонҳои венгрию лотинӣ дар давраи Реформация ба вуҷуд омадааст. Дар а-ҳои 17—18 дар мактабҳои динӣ ба забони венгерӣ спектакльҳое намоиш дода мешуданд, ки онҳо на фақат динӣ, балки ғайридинӣ ҳам буданд. Аввалин театри касбӣ с. 1790 ташкил ёфтааст. Санъати насли якуми актёрҳои касбии В., ки мактаби миллии театриро ташкил медоданд (Я. Кочи-Патко, П. Янчо, А. Моор Л. Келеман ва диг.), аз ҷиҳати маҳорати артистӣ, соддаву оммафаҳмии намоишномаҳо фарқ мекард. Дар нимаи якуми а. 19 драматургияи романтикии тамоюли миллӣ-озодихоҳӣ васеъ паҳн шуд. Дар драматургияи романтикии В. драмаи таъриҳии «Паланг ва кафтор»-и шоири революционер Ш. Петёфи ҷои намоёнро мегирад. Баъди эълон шудани Республикаи советии В. (1919) театрҳо миллӣ кунонда шуданд. С-ҳои 20—30, баъди шикаст хӯрдани Рев. пролетарӣ, театр ба бӯҳрон дучор шуд. Анъанаҳои пешқадами драматургия дар асарҳои нависандагони рӯҳияи демократидошта, идома меёфтанд (Ж. Мориц, Е. Хельтаи, Л. Немет ва диг.). Баъди аз фашизм озод шудани В. ва барқарор гардидани сохти халқӣ-демократӣ барои инкишофи театри миллӣ шароит фароҳам омад. Дар пойтахт ва атрофи он театрҳои нав кушода шуданд (Театрҳои ҷавонон, Театри лӯхтак, Театри сайёри ба номи Дерине ва Театри ба номи Йожеф ва г.). Театрҳо пьесаҳои адибони муосири В.-ро ба саҳна мегузоранд. В. 38 театри драмавӣ дорад.

Кино. Аввалин фильмҳои ҳуҷҷатӣ охири а. 19 истеҳсол шуданд. С. 1912 истеҳсоли мунтазами фильмҳо сар шуд. Танҳо баъди озодшавии мамлакат санъати кинои В. рӯ ба тараққӣ ниҳод. С. 1947 фильми барҷастаи «Дар кадом як ҷои Европа» (режиссёр Г. Радваньи) офарида шуд, ки бо равияи эҷоди ҷаҳиёнаш фарқ мекард. Муваффакияти аввалини кинематографияи миллиқунонидаи (1948) В. фильми «Як вачаб замин» (режиссёр Ф. Бан) мебошад. Аксари кинофильмҳои с-ҳои 50-ум ихтиёла буданд. Ба фильмҳои с-ҳои 60-ум тезутундии мавзӯъҳо ва тасвири ҳақиқат хосанд. Фильми «20-соат» (1964, режиссёр З. Фабри) масъалаҳои муҳимро ба миён гузошт. Дар фильмҳои «Дар гирдоб» (1963, режиссёр И. Гааль) ва «Падар» (1966, режиссёр И. Сабо) масъалаҳои мураккаби муносибатҳои байни одамон акс ёфтаанд. Ҳар сол 20—25 номгӯй фильми бадеӣ, қариб 500 номгӯй фильмҳои кӯтоҳметраж ва фильмҳои телевизионию киножурналҳо бароварда мешавад.

Харитаро нигр. дар сах. 592—593.





1. Саҳна аз намоиши «Ду Боҳ»-и Л. Немет. Театри ба номи И. Катона. 2. Саҳна аз операи «Ҳари Янош»-и З. Кодай. Театри операи Венгрия. 3. Саҳна аз оперетти «Сильва»-и И. Кальман. Театри оперетти пойтахт. «Шоҳзодаи чӯбин»-и Б. Барток. Театри операи Венгрия. 5—6. Кадрҳо аз кинофильмҳо. 5. «Як вачаб замин». Реж. Ф. Бан. 6. «Бист соат». Реж. З. Фабри.

Ад.: Власова Т. В., Венгрия М., 1948; Маергойз И. М., Экономическая география Венгрии, М., 1956; Артамонов С. Д., Самарин Р. М., История зарубежной литературы XVII в., 2 изд., М., 1963; Очерки новой и новейшей истории Венгрии, М., 1963; Тихомиров А., Искусство Венгрии IX—XX вв., М., 1961; История Венгрии т. 1—3, М., 1972—74.

ВЕНЕДИ́КТОВ Анатолий Васильевич (30. 6. 1887, деҳаи Зирган, ҳозира РАСС Бошқ.— 9. 8. 1959, Ленинград), олими совет, ҳуқуқшинос, акад. АФ СССР (1958). Шўъбаи иқтисодии Ин-ти политехникии Петербург (1910) ва фак-ти ҳуқуқшиносии Ун-ти Петербургро (1912) хатм кард. Дар Ун-ти Ярославль (1918—19), Ин-ти политехникии Петроград (1919—30) дарс мегўяд, с-ҳои 1930—44 проф. Инт-ҳои мошинсозӣ, баъд планкашии Ленинград; проф Ун-ти давлатии Ленинград (1944). Доир ба ҳуқуқ ва иқтисодиёт асарҳои зиёд эҷод кардааст. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1949). Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.

Ас.: Гражданская правовая охрана социалистической собственности в СССР, М., 1954; Организация государственной промышленности в СССР, т. 1—2, М., 1957—61.
Ад.: Иоффе О. С., Райхер В. К., Толстой Ю. К., А. В. Венедиктов, М., 1968.

ВЕНЕ́РА (Venus), дар асотири Рими Қадим сараввал олиҳаи баҳор ва боғот; аз ҷумлаи худоёни қадимтарини Италия. Баробари дар Италияи Қадим паҳн шудани дину оини юнонӣ В. ба олиҳаи Юнони Қадим *Афродита* ва *Зӯҳраи* асотири Шарқ аҳният дошта, ба сифати олиҳаи муҳаббат ва ҳусн парастида мешуд.

«ВЕНЕ́РА», номи силсилаи станцияҳои автоматии байнисайёравии советӣ, ки барои тадқиқи сайёраи Зӯҳра ва фазои байнисайёравӣ таъин шудаанд. Станцияҳое, ки барои ба сатҳи сайёра нишастан пешбинӣ шудаанд, бо аппарати фурудоии дорои системаи нишасти беозор таъмин мебошанд. Маълумотҳои доир ба парвози «В.»-ҳо дар ҷадвал оварда шудаанд.

ВЕНЕРН (Vänern), кӯл дар ҷан. Швеция. Масоҳ қариб 5,5 ҳаз. км² (баъди Ладога ва Онега сеюмин кӯли калонтарини Европа). Тӯлаш қариб 140 км, бараш то 80 км, чуқуриаш то 100 м, баландиаш аз с. б. 44 м. Масоҳ. ҳавзааш 48 ҳаз. км². Соҳилҳояш асосан паст ва каҷу килеб. Аз янв. то апр. ях мебандад. Ба В. зиёда аз 30 дарьё мерезад, калонтарини онҳо д. Клар-Эльвен. Аз он д. Гёта-Эльв ҷорӣ мешавад. В. киштигард буда, як қисми роҳи обии Гётеборг — Стокгольм аст. Бандарҳои калонтарини наш: Карльстад, Мариестад ва Вестерборг.

ВЕНЕРОЛО́ГИЯ (аз лот. Venus — Зӯҳра, олиҳаи муҳаббат ва *...логия*) илми *беморихои ҷимоӣ* (мас., сифилис, сӯзок ва г.). В. ба гигиенаи ҷинсӣ, *гинекология*, *дерматология*, *терапия*, *невропатология*, *психология*, *педиатрия* ва диг. соҳаҳои тиб алоқаи зич дорад. Такомули *бактериология* дар а. 19 асоси илмии этиологияи беморихои ҷимоӣ гардид. Ба муносибати дар СССР ташкил карда шудани системаи муборизаи бар зидди беморихои ҷимоӣ илми В. хеле инкишоф ёфт. Корҳои тадқиқоти илмӣ доир ба масъалаҳои В. дар ин-тҳои махсуси илмӣ ва дар ҷамъиятҳои илмии тиббӣ, ки дар ҳамаи шаҳрҳои калони СССР амал мекунанд, гузаронида мешаванд. Дар инкишофи В. съездҳои

Схемаи «Венера-7»: 1 — панели батареяҳои офтобӣ; 2 — датчик; 3 — панели мухофиз; 4 — дастгоҳи мухаррикии коррекция; 5 — коллекторҳои системаи пневматикӣ; 6 — хисобгиракҳои нурҳои кайҳонӣ; 7 — датчик; 8 — ҳуҷраи мадорӣ; 9 — радиатори хунуккунанда; 10, 11 — антеннаҳо; 12 — блоки автоматии системаи пневматикӣ; 13 — зарфҳои нитрогени фишурда; 14 — аппарати фурудоӣ ба сатҳи Зӯҳра.



ПАРВОЗИ СТАНЦИЯҲОИ АВТОМАТИИ БАЙНИСАЙЁРАВИИ «ВЕНЕРА»
(то 1 янв. 1978)

Номгӯи станцияҳои автоматии байнисайёравӣ	Санаи парвоз	Санаи расидан ба сайёра	Массаи станцияи автоматии байнисайёравӣ, кг	Массаи аппарати фурудоӣ, кг	Натичаҳои мухимтарини парвоз
«В.—1»	12 февр. 1961	—	643,5	—	Парвози нахустин ба сайёраи Системаи Офтоб ва раҳоиши станцияи автоматии байнисайёравӣ аз мадори радифи маснӯи Замин.
«В.—2»	12 нояб. 1965	—	963	—	Аввалин парвози яквактаи 2 станцияи автоматии байнисайёравӣ дар фазои байнисайёравӣ ва якҷоя гузаронидани тадқиқоти илмӣ (бо «В.—3»). Гузаштан аз назди сайёра.
«В.—3»	16 нояб. 1965	1 марти 1966	960	—	Бори аввал расидан ба сатҳи сайёраи дигар.
«В.—4»	12 июни 1967	18 окт. 1967	1106	383	Фурудоии нахустин ба атмосфераи сайёраи диг. ва дар қитъаи фуруд бевосита чен кардани параметрҳои атмосфера.
«В.—5»	5 янв. 1969	16 маи 1969	1130	405	Аввалин бор атмосфераи сайёраи дигар янбора бо 2 станцияи автоматии байнисайёравӣ омӯхта шуд.
«В.—6»	10 янв. 1969	17 маи 1969	1130	405	
«В.—7»	17 авг. 1970	15 дек. 1970	1180	~500	Аввалин нишасти беозор ва ирсоли ахбор аз сатҳи сайёраи дигар.
«В.—8»	27 марти 1972	22 июли 1972	1184	495	
«В.—9»	8 июни 1975	22 окт. 1975	4937	642	Аввалин радифии маснӯи Зӯҳра. Ирсоли аввалин тасвири сатҳи сайёраи Зӯҳра ва маълумот доир ба характеристикаҳои оптикию параметрҳои атмосфера ва хосиятҳои физикию характеристикаҳои хоки он ба Замин.
«В.—10»	14 июни 1975	22 окт. 1975	5040	642	

В. В. Верещагин. «Хар шин, мон ки наздик биёяд!» 1887—95.
Музеи таъриҳ. Москва.

Ба мақолаи Верещагин В. В.

махсуси венерологӣ ролӣ асосӣ мебозанд. Хизматҳои венерологҳои Тоҷикистон дар омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои таъсири варача ба инкишофи нейросифилис; роли функцияи антитоксинии ҷигар ҳангоми ба сифилис гирифторшавӣ; эпидемиологияи трихомониаз ва ғ. калон аст. Корҳои илмии онҳо дар журнали «Здравоохранение Таджикистана» ва маҷмӯаҳои тематикӣ нашр мешаванд.

Ад.: Многотомное руководство по дермато-венерологии, т. 1, М., 1959; Студеницын А. А., Стоянов Б. Г., Кожные и венерические болезни, М., 1970.

Б. Р. Раҳматов.

ВЕНЕСУЭЛА, (Venezuela), Республикаи Венесуэла (Republica de Venezuela), давлат дар шим. Америкаи Ҷанубӣ. Бо Колумбия, Бразилия ва Гайана ҳамсарҳад аст. Дар Шим. сарҳадҳояш аз б. Кариб ва уқ. Атлантик мегузарад. Масоҳ. 916,5 ҳаз. км². Аҳол. 12,5 млн наф. (1976). Пойтахташ — Каракас (аҳол. 2,5 млн наф.). Забони давлатӣ — испанӣ. Дини ҳукмрон — католикӣ.

Сохти давлатӣ. В.— республикаи федеративӣ. Конституцияи ҷорӣ аз 23 янв. 1961 қабул шудааст. Сардори давлат ва ҳукумат — президент, ки ӯро аҳолӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунад. Органи олии ҳокимияти қонунбарор — парламент (конгресс)-и 2 палатагӣ, ки аз сенат ва палатаи депутатҳо иборат аст. Парламентро аҳолӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунад. Системаи судӣ: Суди олӣ, судҳои апелляционӣ ва округӣ.

Табиат. Соҳилҳои б. Кариб дар интиҳои Ш. Ғ.-и мамлакат паст, дар Ш. ва Шим. Ш. бештар харсангианд; ҷазираҳои биҳёр қад-қади соҳил ҷойгиранд. Рельефи В. ба се нохияи асосӣ ҷудо мешавад: қ-кӯҳи Анд (дар Шим. Ғ.), ҳамвории Ориноко (дар Марказ) ва паҳнкӯҳи Гвиана (дар Ҷ. Ш.). Дар Шим. Ғ. ҳудуди В. қ-кӯҳҳои шим. шарқии Анд: Сьерра-де-Периха ва Кордильера-Мерида (к. Боливар, 5007 м) воқеъ гаштаанд. Сарватҳои асосии зеризаминӣ: нефть ва газ — дар пастхамии Маракайбо, дар наздикии резишгоҳи д. Ориноко; маъдани оҳан, манган, алмос, тилло, никель ва вольфрам — дар паҳнкӯҳи Гвиана. Иқлими қариб тамоми В.— субэкватории гарм. Ҳарор. миёнаи моҳона аз 25° С то 29° С. Боришоти солона ба ҳисоби миёна аз 280 мм дар Шим. Ғ. то 2000—3000 мм дар нишебиҳои шим., Кордильера-Мерида ва болооби Ориноко мебошад. Дарьёҳо асосан ба ҳавзаи Ориноко тааллуқ дошта, биҳёрии онҳо (Араука, Апуре ва ғ.) киштигарданд. Хоки В. бештар сурхи латериті буда, оламе набототаш гуногун аст: бешаи тропикии сернам, саванна, бешаи тропикӣ ва ғ. Олами ҳайвоноташ хеле бой: маймунҳои паҳнбинӣ, охуҳои хурд, кашафпӯш, тапир, мӯрчахӯрон ва ғ. вомехӯранд. Аз паррандаҳо лаклаки сиёҳминқор, тӯтӣ, тӯқон, чилмангӯштак ва ғ. ҳастанд. Дар дарьёҳо минқормоҳӣ, мормоҳи мавҷуданд.



Аҳолӣ. Қариб 95% аҳолӣ венесуэлиёнанд, ки дар натиҷаи ба ҳам омехташавии испаниҳо, ҳиндуён ва африкоиҳо ба вуҷуд омадааанд. Дурагаҳо низ биҳёранд; мулатҳо ва креолҳо низ ҳастанд. В. аз ҷиҳати афзоиши аҳолӣ дар ҷаҳон дар яке аз ҷойҳои аввал меистад (3,5% дар як сол). Қариб 80% аҳолӣ дар нохияҳои наздибаҳрӣ, 3/4 аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад. Ш-ҳои калон: Каракас, Маракайбо, Баркисимето, Валенсия, Маракай.

Очерки таърихӣ. Аз замонҳои қадим дар терр. В. қабилаҳои ҳиндуён зиндагӣ мекарданд. Баъди кашфи соҳилҳои В. (Х. Колумб, 1498) испаниҳо барои омӯхтани сарзамини нав, ки Венесуэла («Венеция хурд») ном гирифт, экспедиция ташкил намуданд. Дар ибтидои а. 16 конкистадорҳои Испания ба мустамликакунии В. шурӯъ карданд. Дар нимаи дуюми а. 16 мустамликадорони Испания як қатор шаҳрҳо ва ташкилотҳои диниї барпо кардаанд. Аз а. 16 В. ба маъмурияти мустамликавии Сьюдад-Доминго тобеъ шуда, баъд ба ҳайати ноиб-салтанати Гранадаи Нав дохил гардид ва с. 1777 ба генерал-капитанӣ табдил дода шуд. Порозиии халқи В. аз сиёсати ҳукумати Испания, ки ба пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию маданиї мамлакат монеъ мешуд, боиси афзудани ҳаракати озодихоҳона гардид. С. 1749 бо роҳбарии Х. Ф. де Леон бар зидди испаниҳо шӯриш бархост. С. 1795 зангиҳо шӯриш бардоштанд. Шуриши халқии 19 апр. 1810 дар Каракас ба ҷанги аз асорати Испания озодшавӣ ибтидо гузошт. Ҳокимияти генерал-капитании Испания сарнагун шуда, ҳунтаи революционӣ ташкил ёфт. 5 июли 1811 В. республикаи мустақил эълон гардид. Июли 1812 ҳукмронии Испания аз нав барқарор шуд, аммо с-ҳои 1817—18 ватандӯстони В. бо сардории Боливар қисми зиёди терр. ҳавзаи д. Ориноко аз испаниҳо озод кардаанд. 15 февр. 1819 Конгресси миллии В.-ро аз нав мустақил эълон кард. Баробари барқарор гардидани истиқлолияти ҳокимияти ба дасти заминдорони калон гузашт, ки барои комилан муҳофизат намудани навкеи худ ва усулҳои феодалии истисмори деҳқонон мекӯшиданд. Бо вуҷуди ин барои бо роҳи капиталисти пеш бурдани мамлакат баъзе тадбирҳо андешида шуданд: бекор кардани ғуломдорӣ (1854), барҳам додани маҳдудиятҳо, ташкили банки миллӣ ва ғ. Баъди ҷанги якуми ҷаҳонии 1914—18 мавқеи империализми Америка дар мамлакат мустаҳкам гашт. Бухрони иқтисодии ҷаҳонии с. 1929 В.-ро ҳам фаро гирифт. Вазъиятҳо сиёсӣ тезу тунд гардид. С. 1931 Партияи Коммунистии Венесуэла (ПКВ) пинҳонӣ ташкил ёфт. Дек. 1941 В. муносибатҳои дипломатиашро аз Германия ва Японияи канд; февр. 1945 ба Германия ва Япония ҷанг эълон кард. 14 марти 1945 бо СССР муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд. Дере нагузашта ПКВ легалӣ шуд. Окт. 1945 — баъди

1 Кӯҳҳои Анди Каракас. Дар мадди аввал роҳи мошингарди Каракас — Ла-Гуайра. 2 Истеҳсоли нефть дар соҳили ғарбии кӯли Маракайбо. 3 Каракас. Дар марказ хиёбони Боливар.

табаддулоти давлатӣ ҳукумати Ромуло Бетанкур ба сари ҳокимият омад. Конституцияи нави В. ва баъзе қонунҳои нисбатан прогрессивӣ қабул шуданд. Ҳарбиёни реакционӣ бо ёрии монополияҳои нефти Америка нояб. 1948 табаддулоти нави давлатӣ гузаронданд. Ба сари ҳокимият хунтаи ҳарби омада, озодиҳои демократи бекор, Конгресси милли пароканда ва конституцияи с. 1947 аз эътибор соқит карда шуд. Дар натичаи суиқасди с. 1950 Перес Хименес ҳокими ҳақиқии мамлакат гардид. Диктатураи П. Хименес манфиати монополиҳои хоричи, буржуазияи маҳалли ва латифундистонро ифода мекард. Июни 1952 В. муносибатҳои дипломатиро аз СССР канд. Июли 1957 «Хунтаи ватандӯст»-и пинҳонкор ташкил шуд, ки ба ҳайати он намояндаҳои ПКВ, ҳаракати демократӣ, иттифоқи республикавӣ-демократӣ ва партияи социал-христианӣ дохил шуданд. Янв. 1958 хунтаи ҳукматӣ бо сардории контр-адмирал В. Ларрасабал ба сари ҳокимият омада, озодиҳои демократӣ барқарор кард, партияҳои сиёсӣ легалӣ шуданд, афви умумии маҳбусони сиёсӣ эълон карда шуд. Дек. 1958 пешвои партияи Ҳаракати демократӣ Ромуло Бетанкур президент шуд. Ҳукумати ӯ манфиати монополияҳои америкоӣ, буржуазияи калон ва латифундистонро ифода намуда, доир ба кам кардани маоши коргарону хизматчиён қонун қабул кард. Ин боиси норизогии оммаи халқ гардид. Дар бисьёр шаҳрҳо халқ бар зидди эҳроварии ҳукуматдорон ба муборизаи яроқнок бархост, ки сарвари ин муборизаи ПКВ буд. Май 1962 фаъолияти ПКВ манъ карда шуд. С. 1963 Р. Леони президент шуд, сиёсати зиддихалқии ӯ дар партияи ҳукмрон ихтилофи нав ба вучуд овард. Марти 1969 ҳукумати Р. Кальдера ба сари ҳокимият омада, коммунистон ва бисьёр маҳбусони сиёсиро аз ҳабс озод кард; оид ба легалӣ шудани партияи коммунистӣ декрет баровард, бо мамлакатҳои социалистӣ ҳамкорӣ карданро тарафдорӣ намуд, муносибатҳои дипломатиро бо СССР аз нав барқарор кард (апр. 1970). Дар интихоботи умумии с. 1973 Карлос Андрес Перес, ки маҳдуд кардани ҳукмронии монополияҳои хоричӣ, мустаҳкам намудани истиқлолияти миллии мамлакат ва инкишофи муносибатҳоро бо тамоми мамлакатҳо, аз ҷумла бо мамлакатҳои социалистӣ ваъда карда буд, голиб баромад.

Партияҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба. Ҳаракати демократӣ, партияи ҳукмрон, таъсисаш с. 1941. Партияи социал-христианӣ, таъсисаш с. 1946, манфиатҳои буржуазия, помещикон, калисои католикиро ифода мекунад. Ҳаракати интихоботии халқ, таъсисаш с. 1967, табақаҳои васеи аҳолиро дарбар мегирад. Иттифоқи республикавии демократӣ, таъсисаш с. 1946, манфиатҳои буржуазияи хурд ва деҳқононро ифода мекунад. Қувваи халқӣ-демократӣ, таъсисаш с-ҳои 1962—63. Партияи Коммунистии Венесуэла, таъсисаш с. 1931.

Конфедерацияи меҳнаткашони Венесуэла, таъсисаш с. 1959. Конфедерацияи иттифоқҳои касабаи автономӣ, таъсисаш с. 1964. Маркази ягонаи меҳнаткашони Венесуэла, таъсисаш с. 1963 (ба Федерацияи Умумичаҳонии Иттифоқҳои касаба дохил аст). Федерацияи деҳқононии Венесуэла, таъсисаш с. 1959.

Хоҷагӣ. В. мамлакати мутараққиест, ки ба нефть тахассус дорад. Вай аз ҷиҳати истеҳсоли нефть дар ҷаҳон ҷои чорумро ишғол мекунад. Саноати истеҳсолкунанда 26%, саноати маснуотбарор — 14,6%, х. қ., 7,3% маҳсулоти умумиро медиҳад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ дар зери назорати капитали ШМА мебошанд. Ноҳияҳои асосии истеҳсоли нефть — минтақаи назди кӯли Маракайбо ва Льяносанд. Танҳо 1/3 нефть софкорӣ мешавад. Истеҳсоли маъдани оҳан меафзояд. Дар таркиби саноати корқардабарорӣ ҳиссаи саноати коркарди нефть 7,8%, химия 9,4%, металлургия ва металлкоркунӣ 8,7%, саноати хӯрокворӣ ва сабук 47% мебошад.

Х. қ. асосан аз хоҷагиҳои майда иборат буда, қисми зиёди маҳсулоти молиро хоҷагиҳои типи капиталистӣ истеҳсол мекунанд. Зироат фақат дар Шим. ва Ғ. тараққӣ карда, бештар аз нисфи арзиши маҳсулоти х. қ.-ро медиҳад. Дар ноҳияҳои кӯҳистон чуворимакка, лӯбиё, дар соҳилҳо пахта, шолӣ, найшакар, банан, дар доманакӯҳҳо қаҳва ва какао парвариш мекунанд. Чорводорӣ суст тараққӣ кардааст. Саршумори чорвои калони шохдор (1975) 8900 ҳаз., хук 1750 ҳаз. буд. Аз ҷангал кам маҳсулот (ҷамъоварии каучуки табиӣ, қатрон, пӯстлохи дарахти манго, равгани копай ва г.) гирифта мешавад. Нақлиёти асосӣ автомобиль буда, 86%-и боркашонии дохилӣ (бе нефть) ба зиммаи он рост меояд. Тӯли роҳҳои мошингард 58,6 ҳаз. км, р. о. — 375 км (1976). Бандарҳои асосии нефтькашонӣ: Маракайбо, Амуай, Пунта-Кардон, Пуэрто-ла-Крус. 94% арзиши экспорти В.-ро нефть ва маҳсулоти нефть ташкил медиҳад. Аз хорича бештар мошину таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти химиявӣ ва хӯрокворӣ мегирад. В. асосан бо ШМА, РФГ, Британияи Кабир, Канада, Японияи савдо мекунад. Воҳиди пул — боливар (4,30 боливар = 1 доллари ШМА; 1976).

Нигаҳдории тандурустӣ. Системаи нигаҳдории тандурустӣ аз секторҳои давлатӣ, хусуси ва тибби суғуртавӣ иборат аст. С. 1968 дар В. 326 беморхонаи дорои 31,2 ҳаз. кат (3,1 кат ба 1000 наф.) буд. С. 1971 дар В. 9,4 ҳаз. духтур кор карда, 1490 муассисаи табобати ба аҳолӣ ёрии тиббӣ (ғайри беморхона) расонд. Касалиҳои варача, сил, меъдаю руда, шукуфа, сифилис ва г. паҳн шудаанд. Дарозии умр ба ҳисоби миёна 56,6 сол (1971).

Маориф ва муассисаҳои илми. Таълим дар мактаби ибтидоӣ (6-сола) бепул ва ҳатмист. Мактаби миёна 5-сола буда, 2 зина — таълими 3 ва 2-сола дорад. Тайёрии касбӣ дар заминаи мактаби ибтидоӣ ва зинаи якуми мактаби миёна ба амал ба-

роварда мешавад. Соли таҳсили 1967/68 дар мактабҳои ибтидоӣ 1550 ҳаз. ва миёна 2303 ҳаз. талаба таҳсил мекард, дар системаи тайёрии касбӣ 108,5 ҳаз., дар ин-тҳои педагогӣ 3,5 ҳаз. ва дар ун-тҳо зиёда аз 58 ҳаз. студент таҳсил кард. Ун-тҳои калонтарин: Ун-ти марказӣ ва Ун-ти католикии Андрес Бельо дар Каракас, Ун-ти Анд дар Мерида, ун-тҳои Валенсия, Маркайбо ва ғ.

Китобхонаҳои калонтарин: Китобхонаи миллӣ дар Каракас (таъсисаш 1833), Китобхонаи Ун-ти марказӣ (1850). Музейҳои асосӣ: Музеи Боливар, Музеи санъ-ти нафиса, Музеи илмҳои табиатшиносӣ (ҳамаашон дар Каракас).

Корҳои илмиро Ун-ти марказӣ ва ун-тҳои диг. мебаранд. С. 1882 Академияи забон, 1888 Академияи миллии таърих, 1904 Академияи миллии тиб, 1917 Академияи илмҳои физикаю математика ва табиатшиносӣ, Академияи илмҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ташкил шуданд.

Матбуот, радио ва телевизион. Матбуоти даврӣ дар В. с. 1896 ба вуҷуд омад. Газетаю журналҳои калонтарине, ки дар Каракас чоп мешаванд: «Насьональ» («El Nacional»), аз с. 1943, «Универсаль» («El Universal»), аз с. 1909, «Религион» («La Religion»), аз с. 1890, «Ультимас нотисиас» («Ultimas Noticias»), аз с. 1941, «Мундо» («El Mundo»), аз с. 1958, «Трибуна популяр» («La Tribuna Popular»), аз с. 1958, органи Партияи Коммунистии Венесуэла.

Радиошунавонӣ с. 1930 огоз ёфтааст. С. 1978 дар В. 147 радиостанция, 6 маркази телевизион буд.

Адабиёт. Аз эҷодиёти даҳанакии ҳиндуёни В.-и пеш аз истилои испанҳо осоре намондааст. Дар давраи ҳукмронии мустамликадорони Испания аксар шоирони В. ба анъанаҳои гонгоризм (равияи аристократӣ дар назми испании а. 17) пайравӣ карданд. Гояҳои маорифпарварӣ, ки охири а. 18 дар В. паҳн шудаанд, дар эҷодиёти ҳаҷвнавис В. Салиас, драматург Х. Д. Диас ва диг., инъ,ниин дар асарҳои шоирони равияи маорифпарвари классицизм А. Бельо, Р. М. Баральт, насрнависҳо Ф. Торо, Х. В. Гонсалес инъикос ёфтаанд. Аввалин романҳои реалистии М. В. Ромеро Гарсия, Х. Хиль Фортоуль ва диг. дорои хусусиятҳои эстетикаи натуралистӣ буданд. Бисьёр модернистон саъю кӯшиш мекарданд, ки адабиёти хоси миллиро ба вуҷуд оранд. Ин дар эҷодиёти намояндагони «реализми креолӣ»— насрнависон М. Диас Родригес, Л. М. Урбанехи Ачельполь, Х. Р. Покатерра, шоирон У. Перес, А. Арвело Ларрива, А. Мата ва диг. инъикос ёфтааст; онҳо анъанаҳои декаданСро бартараф намуда, ба мавзӯъҳои миллӣ ва иҷтимоӣ рӯ овардаанд. С-ҳои 1920—30 дар адабиёти В. равияи реализми танқиди қувват гирифт. Эҷодиёти намояндаи барчастаи он Р. Гальегос танқиди зиддиятҳои иҷтимоиро дарбар мегирад. Дар назм ҷараёни авангардистӣ, санъати «чан» (сюрреализм ва ғ.) паҳн гардид. Аммо гояҳои иҷтимоию танқиди бартарӣ доштанд. Роману ҳикояҳои М. Отеро Сильва, Г. Менесес, Э. Мухика на фақат дар бораи шароити фочиавии ҳаёти меҳнаткашони В., балки аз муборизаи зидди реакция ҳикоят мекунанд. Нависандагони пешқадам аз охирҳои с-ҳои 50—60 дар асарҳои худ муборизаи оммаҳои халқро бар зидди зӯроварии монополияҳои америкоӣ ва диктатурахои реакционӣ инъикос мекардаги шудаанд.

1. Маҳаллаи Серро-Белен дар Каракас. С-ҳои 50-ум (меъморон: К. Р. Вильянуэва, Х. М. Михарес ва диг.). 2. Нишастгоҳи стадиони шаҳрчаи университет дар Каракас. 1950 (меъмор К. Р. Вильянуэва). 3. Биноҳои осмонбӯси Торрес дель силенсио («Манорахои хомӯши»-и ҳиёбони Боливар дар Каракас (меъмор С. Д. Домингес). 4. Ф. Нараваэс. «Рамзи ҷазираи Маргарита». Аз чӯби сурх. Нимаи а. 20. 5. Э. Полео «Арӯсу домод». 1956. Нигористони байналхалкии санъати муосир.

Ад: Гонионский С. А. Очерки новейшей истории стран Латинской Америки, М., 1964; Венесуэла. Экономика, политика, культура. Сб. М., 1967.

ВЕНЕСУЭЛИҲО, миллат, аҳолии асосии Венесуэла. Тақрибан 12 млн нафр. (1975). Ба *забони испанӣ* ҳарф мезананд. Диндорон католиканд. Ё асосан дар натиҷаи омезиши гӯруҳҳои гуногуни этникӣ: муҳоҷирони испанию баскҳо, ҳиндуҳои маҳалли, зангиҳои ба ғуломӣ овардашуда ташаккул ёфтаанд. В. яке аз халкҳои серраганаи Америкаи Лотинӣ: оммаи асо-

сӣ — дурагахои испанию хинду (дар Шимол бештар бо зангиҳо омехта шудаанд): тақрибан 10% — зангиҳо, мулатҳо ва самбо; 12—15% сафедпӯст. Аксарияти аҳолиро пролетариати х. қ. ва деҳқонони камзамин ташкил медиҳанд. Ниг. низ *Венесуэла*.

ВЕНЕЦИЯ (Venezia), шаҳр дар шим. шарқии Италия, дар соҳили ҳал. Венецияи б. Адриатика. Маркази маъмурии вил. Венеция ва музофоти Венеция. Аҳол. 367,6 ҳаз. наф. (1970). В. дар 118 ҷазираи бо 150 канал буридашуда ҷой гирифтааст. Роҳҳои нақлиёти шаҳр асосан обӣ. Бандари калони саврӯ ва ҳарбӣ, узели нақлиёти ҳавоӣ. Дар худи В. з-дҳои киштисози, таъмири киштӣ, корхонаҳои коғазбарорӣ, полиграфӣ, хӯрокворӣ,

Венеция. Калисои Санта-Мария делла Салуте

трикотаж, шиша (ҷаз. Мурано), тӯр (ҷаз. Бурано) ва устохонаҳои электромеханики мавҷуданд. Бисьёр корхонаҳои калони саноати берун аз шаҳр (дар Маргер, Фузин, Местр) ҷой гирифтаанд: металлургияи рангa, коркарди нефть, химия, бофандагӣ, мошинсозӣ (аз ҷумла киштисозӣ). В. маркази туризми байналхалқист. Он ҳамчун шаҳр-музей шӯҳрат ёфтааст.

Венеция. Майдони Пьяццетта. Калисои Сан-Марко аз рост. Қасри дожҳо.

Академияи санъати нафиса, Ин-ти Политехникӣ, мактаби тиббӣ дорад. Осори меъмориаш сершумор: калисои ҷомеи Сан Марко (1529—32), китобхонаи Сан-Марко (1536—54), касри дожҳо (а. 9), қасри Ка д'Оро (1422—40), калисои Сан-Дзаккария (а. 10) ва г. Ба шаҳр хатари зери об мондан таҳдид мекунад. Солҳои охир барои нигоҳ доштани осори меъмории шаҳр чораҳо дида мешаванд. В. аввали а. 9 дар ҷаз. Риальто буньёд ёфтааст.

ВЕНТИЛИ ЭЛЕКТРИКӢ, номи умумии асбобҳои электрикӣ, ки ноқилияти онҳо асосан ба самти ҷараёни электр вобаста аст ва дар самти «рост» назар ба самти «акс» чанд дарача зиёд мебошад. Ба туфайли ин хосияти худ В. э. дар ҷиҳози *росткунакҳои ҷараён* васеъ истифода мешавад. Эффекти вентилӣ дар ҳудуди металл — газ (В.-ҳои ионӣ), металл — вакуум (В.-ҳои электронӣ ё электровакуумӣ), металл — нимноқил ё нимноқил — нимноқил, ки ғашҳои гуногун доранд (В.-ҳои нимноқилӣ) ба амал меояд. Дар техникаи ҳисоб В. э. схемаест, ки чанд мадхал (одатан 2-то) ва як махраҷ дорад. Дар махраҷи схема сигнал ҳамон вақт пайдо мешавад, ки агар дар ҳамаи мадхалҳои он сигналҳо мавҷуд бошанд. В. э. барои идора кардани ирсоли сигнал истифода мешавад ва амалиёти мантиқии конъюнкцияро ба вуқӯъ меорад.

ВЕНТИЛЬ (нем. Ventil — забонак, клапан), ҷиҳозест барои қатъ ё танзим кардани ҷараёни моеъ ва газу буг дар ғулбаҳо. Танаи В.-ҳои калон рехтаи яклухт буда, ба ғулба, насос ва диг. мошинҳо тавассути мурват васл карда мешаванд. В.-ҳои хурд васли рахпечӣ доранд. Дар В.-ҳои одди винти асосии бандиши ҷараён (шпиндель - винт) бо сарчархи дасти, дар идоракунии автоматӣ бошад, бо муҳаррики электрикӣ ё гидравлики ба ҳаракат оварда мешавад. Ин муҳаррикҳо ҳангоми тағьир ёфтани фишор дар ғулбаҳо автоматӣ ба кор медароянд. В.-ро дар ғулбаҳои саноатӣ ва таҷҳизоти техникаи санитарӣ васеъ истифода мебаранд.

ВЕНТИЛЯТОР (лот. Ventilo — бод медиҳам), мошини паррадор барои

Расми 1. Вентилятори марказгурез: 1 — ҳаводаро, 2 — лифофаи спиралӣ; 3 — муҳаррик, 4 — ҳавобаро.

Расми 2. Вентилятори меҳвари: 1 — чархи паррадор, 2 — лифофаи силиндри, 3 — муҳаррик.

таҳвили ҳаво ё газ. В. барои бод додани биною конҳо, ба агрегатҳои деги бугу кӯраҳо дам додани ҳаво ва аз онҳо дур намудани ғази дуд, хушконидани материалҳо, ҳунук кардани ҷузъҳои мошину механизмҳо, аз як ҷо ба ҷои дигар интиқол кардани материалҳои пошхӯрандаю нахдор (пахта, аррамайда, ғалладона ва г.) таъин шудааст. Ғайр аз В.-и саноатӣ навъҳои гуногуни В.-ҳои саримизи ва овеза маъмуланд. Аз ҷиҳати принципи кор В.-ҳо марказгурез ва меҳварӣ мешаванд. Дар В.-и марказгурез (расми 1) чархи паррадор дарунӣ лифофа (кожух)-и спиралӣ давр мезанад. Ҳавое, ки аз боддаро ба байни паррахо медарояд, бо таъсири қувваҳои марказгурез дар лифофаи спиралӣ интиқол гардида, аз бодбарои он берун мешавад. Дар В.-и меҳварӣ (расми 2) чархи паррадор, ки дар лифофаи силиндрӣ давр мезанад, ҳавои дохилшударо ба самти меҳвари чарх равона мекунад. Коэфф. амали муфиди В.-ҳои меҳварӣ назар ба В.-ҳои марказгурез бештар аст.

ВЕНТИЛЯЦИЯ (лот. Ventilatio — боддиҳӣ), ивазкунии танзимшавандаи ҳавои дарунӣ бино, шахта, вагон ва г. ба ҳавои тоза, инчунин таҷҳизоте, ки ин амалро иҷро мекунад. В. барои тозагӣ, ҳарорат, намӣ ва ҳаракати мӯътадили ҳаворо таъмин кардан таъин шудааст. В. ду хел: табиӣ (ниг. *Аэрация*) ва сунъӣ мешавад. В.-и сунъӣ бо ёрии таҷҳизоти махсус ба амал оварда мешавад. Таҷҳизоти вентиляционӣ аз ҳаводарорҳо, ҷиҳози тоза кардани ҳаво, мӯътадилкунандаи намию ҳарорат, ҳаворанҳо, сӯрохҳои ҳаводарою ҳавобаро ва олоти танзим иборат аст. Таҷҳизоте, ки ҳавои тозаро ба дарунӣ бино дохил мекунад, системаи ҳаводарор ном дорад. Системаи В., ки на фақат ивазӣ ҳавои дарунӣ бинорро таъмин мекунад, балки ҳарорат ва намии матлуби онро ба тарзи автоматӣ нигоҳ медорад, системаи кондиционирониии ҳаво номида мешавад. Дар биноҳои саноатию ҷамъиятии замонавӣ бештар В.-и сунъиро истифода мебаранд.

Ад.: Дроздов В. Ф., Теплоснабжение и вентиляция, М. 1968.

ВЕНЦЛОВА Антанас (7. 1. 1906, Тремниняй, ҳозира р-ни Кансуксоко — 28. 6. 1971, Вильнюс), нависандаи советии литвоӣ, ходими ҷамъиятӣ, Нависандаи Халқии РСС Лит. (1965), аъзо-корр. АФ РСС Лит. (1949). Аъзои КПСС аз с. 1950. Дар Съездҳои 7—10 ПК Литва аъзои КМ интихоб гардида буд. Комиссари халқии маорифи РСС Лит. (1940—43). Ун-ти Каунасро тамом кардааст. Муҳаррири журнали адабии «Трячас фронтас» («Фронти сеюм», 1930—31) буд. Бо романи «Дӯсти» (1936) ва маҷмӯаи ҳикояҳои «Шаб» (1939) В. дар сафи аввали адабиёти прогрессивии зиддифашисти мақоми гирифт. Барои маҷмӯаи «Мунтахабот» (1951) лауреати Мукофоти давлатии СССР шуд (1952). В. муаллифи романи «Зодрӯз» (1959, Мукофоти давлатии

РСС Лит., 1960) ва повестҳои тарҷумаиҳолии «Рӯди баҳорӣ» (1964), «Дар ҷустуҷӯи ҷавонӣ» (1966), «Тӯфони нисфирӯзӣ» (1969) мебошад. Ашъори В. дар маҷмӯаи «Лирика» (1970) фароҳам омадааст. Ба забони литвонӣ «Евгений Онегин»-и А. С. Пушкин, асарҳои М. Горький, шеърҳои Н. Тихонов, П. Тычина ва диг.-ро тарҷума кардааст. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1—5). Бо ордени Ленин, 3 ордени дигар ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВЕРАКРУС (Veracruz), шаҳр дар шарқи Мексика, дар соҳили хал. Мексика. Аҳол. 242,4 ҳаз. наф. (1970). Бандари асосии мамлакат. Узели р. о., мошингард ва алоқаи ҳавоӣ. Саноати киштисозӣ, матоъҳои пахтагӣ, хӯрокворӣ дорад. В. с. 1519 буньёд шудааст.

ВЕРГИЛИЙ (Vergilius) Марон Публий (с-ҳои 70—19 то м.) шоири Рим. В. шоҳиди аз байн рафтани республикаи Рим буд. Дар маҷмӯаи «Буколикҳо» («Сурудҳои шубонӣ»; 42—38 то м.) кӯшиш кардааст, ки худро ба ҳаёти хушҳолонаи шубонӣ гирифта, аз тӯфонҳои сиёсӣ барканор монад. В. дар «Достони кашоварзӣ», (36—29 то м.) зиндагии бофарогатро дар меҳнати аҳли деҳот ҷустааст. Дар достони «Эneида», ки дар пайравии «Илиада» ва «Одиссея» навишта буд, қиссаи муҳорибаҳою саёҳатҳои Энеи троягиро тасвир кардааст. Эҷодиёти В. намунаи назми тумтароқу эпикии даврои классицизм гардид.

ВЕРДИ (Verdi) Ҷузеппе (10. 10. 1813, Ронколе, ноҳияи Парма — 27. 1. 1901, Милан), бастакори машҳури италиявӣ. Ба эҷоди асарҳои мусиқӣ аз с. 1828 шурӯъ кард (увертюраҳо, маршҳо барои оркестри нафасӣ, пьесаҳои фортепианӣ). Аз дирижёр ва бастакор В. Лавиньи таълим гирифтааст. С. 1833 дирижёри оркестри нафасӣ, 1836 роҳбари ҷамъияти филармонӣ дар Буссето. С. 1839 дар Милан операи аввалини В. «Оберто» ба саҳна гузошта шуд. Ба В. операҳои «Набукко» («Навуходоносор», 1841) ва «Ҷанги салибии ломбардиён» (1842) шӯҳрат оварданд, ки дар онҳо оҳангҳои қаҳрамонӣ ва революционӣ садо дода, муборизаи италиявиён барои озод шудан аз юги австриягиҳои истилогар ифода ёфтааст. Дар с-ҳои 1842—49 В. 13 опера, аз он ҷумла «Эрнани» (1844), «Аттила» (1846), «Макбет» (1847), «Муҳорибаи назди Леньяно» (1849), «Луиза Миллер» (1849) ва г. эҷод кард. Ҳиссиёти ватандӯстонаи В. дар гимни «Садо деҳ, шайпур» таҷассум ёфтааст, ки онро дар даврои Рев. 1848 бо таклифи Ҷ. Маззини (ба матни Г. Мамели) навишта буд. Операҳои «Риголетто» (1851, аз рӯи драмаи В. Гюго «Хушдилиҳои шоҳ»), «Трубадур» (1852), «Травиата» (1853, аз рӯи драмаи А. Дюма — писар «Хонуми гулдор») шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданд. Ин асарҳо равияи реалистӣ дошта, дар маркази диққати бастакор тақдири одамони оддӣ (Виолетта, Риголетто, Азучена) меистад, нобаробарии иҷтимоӣ ва тафовути табақавӣ маҳкум карда мешавад. С. 1862 бо супориши Театри петербургии Мариин (ҳоло Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. М. Киров) операи «Қудрати тақдир»-ро навишт (таҳрири 2-юм 1869). Ба ин мупосибат В. ду бор ба Россия омад (1861, 1862). С. 1866 барои театри Париж — «Гранд-Опера» операи «Дон-Карлос»-ро навишт. С. 1870 бо супориши театри Миср операи «Аида»-ро офарид, ки он с. 1871 дар Қоҳира гузошта шуд. Асари мазкур яке аз қуллаҳои баланди операи италиявӣ аст. Баъди ин В. 15 сол ба жанри опера рӯ наовард. С. 1874 ба хотираи нависандаи италиявӣ А. Манздзони «Реквием» навишт. С. 1886 В. асари барҷастаи санъати реалистӣ операи «Отелло»-ро эҷод кард, ки он намунаи беҳтарини драмаи мусиқии психологӣ буда, яке аз бузургтарин асарҳои мусиқии классикии ҷаҳонӣ аст. Операи охирини В. «Фальстаф» (аз рӯи комедияи У. Шекспир «Духтарони шӯхи виндзорӣ», 1892) мебошад.

В. дар таъриҳи мусиқӣ ҳамчун эҷодкори навовар, санъаткори бузург, бастакори реалист мавқеъ дорад. Робитаҳои қавӣ доштани В. бо маданияти миллӣ-демократии Италия аҳамияти таъриҳии эҷодиёти ӯро афзуда, операҳояшро дар тамоми ҷаҳон машҳур гардонданд. В. 26 опера, асарҳо барои асбобҳои нафасӣ, кантатаҳо, квартетҳои торӣ, романсҳою сурудҳо ва г. навиштааст. Дар репертуари Театри опера ва балети ба номи Айнӣ асарҳои В.: «Риголетто», «Трубадур »,«Аида», «Отелло» мавқеи муҳим доранд.

ВЕРЕЩАГИН Василий Васильевич (26. 10. 1842 ш. Череповеци губ. Новгород — 13. 4. 1904, Порт-Артур), рассоми рус. Дар АР Петербург (1860—63) ва Париж (1864—65) таҳсил кардааст. Ӯ ба Европаи Ғарбӣ, ҳинчунин Сурия, Фаластин, Ҳиндустон, Япония ва ШМА сафар кардааст. В. дар забт кардани Осиёи Миёна, ҷангҳои Россия ва Туркия (1877—78), русу япон (1904—05) иштирок намудааст. Дар эҷодиёти ӯ Шарқи Наздик, махсусан Осиёи Миёна мақоми намоён дошт. В. як қатор асарҳо аз кабили «Силсилаи туркистонӣ» (1871—74), «Силсилаи балканӣ» (1877—78) ва «Силсилаи ҷанги ватании 1812»-ро (1887—1904) эҷод кардааст. В. дар бисьёр асарҳояш урфу одати халқҳои гуногуни ҷаҳон, муҳорибаҳои армияи рус ва манзараҳои табиатро моҳирона ва таъсирбахш инъикос кардааст. Намунаи онҳо «Бангиҳо» (1868), «Дарвозаи Темур» (1872—73), «Савдои гуломбача» (1872), «Зиндони Самарқанд» (1873), «Голибон» (1872), «Ҷанговари савора дар Ҷайпур» (1874—76), «Дар кӯҳсори Алатов» (1869—70), «Мақбараи Тоҷмаҳал дар Агра» (1874—76) ва г. мебошанд. Яке аз нахустин рассомонест, ки дар манзара ва раъмгоҳ афкори фалсафии амиқро ифода намуда, эътирозашро бар зидди хунрезиҳои шадид ба тарзи драматикӣ баён кардааст.

Тасвирро нигр. дар саҳ. 608—609.

ВЕРЕЩАГИН Леонид Фёдорович (29. 4. 1909, Херсон — 23. 2. 1977, Москва), физики советӣ, акад. АФ СССР (1966; аъзокорр. 1960), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1963). С-ҳои 1934—39 дар Ин-ти физика ва техникаи АФ РССУ (Харьков) кор кардааст. С-ҳои 1939—54 мудири лабораторияи Ин-ти химияи органикии АФ СССР. С. 1954—77 директори лабораторияи фишорҳои баланди АФ СССР (аз 1958 Ин-ти физикаи фишорҳои баланди АФ СССР). Проф. Ун-ти давлатии Москва (1953). С. 1973 таҳти роҳбарии В. дар Ин-ти физика ва техникаи Москва кафедраи физикаи фишорҳои баланд ташкил гардид. Корҳои илмии В. асосан ба масъалаҳои фишорҳои фавқулбаланд (дар ин соҳа зиёда аз 150 асари ӯ чоп шудааст) бахшида шудаанд. В. хусусиятҳои физикии ҷисмҳои сахт (хусусиятҳои физикӣ-механикӣ, структура, ноқилияти электрикӣ ва г.)-ро дар фишорҳои баланд таҳқиқ кард. Усули ҳисобкунии бузургиҳои физикӣ (деформация, суръати садо ва г.)-ро дар фишорҳои баланд пеш ниҳод. С. 1960 таҳти роҳбарии В. бори аввал дар СССР алмоси сунъӣ синтез карда шуд. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1961) за Мукофоти давлатии СССР (1952). Бо 3 ордени Ленин ва диг. ордену медальҳо мукофотонида шудааст.

ВЕРЖЕС (Verges) Поль (тав. 5. 3. 1925, Убон, Таиланд), арбоби ҳаракати коммунисти дар Реюньон. Аз ойлаи духтур. Дар фак-ти ҳуқуқшиносии Ун-ти Париж таҳсил кард. С-ҳои 1955—59 аъзои ПК Франция, 1956—58 депутати Палатаи миллии Франция аз ҷаз. Реюньон. Аз с. 1957 директори газетаи «Темуаньяж» («Temoignage»). Баробари ташкил ёфтани ПК Реюньон (1959) котиби якум ва аз с. 1967 котиби генералии он интихоб гардид.

ВЕРМИКУЛИТ (лот. vermiculus — кирм), минерал аз гурӯҳи гидроабрак. Дар таркибаш магний, оҳан, алюминий, силиций ва г. дорад. Дар системаи моноклинӣ кристалл мебандад. Ба шакли агрегатҳои тунук ё кристаллҳои калони пластинкамонанди тиллоранг ё бӯр вомехӯрад.

Сахтиаш 1—1,5; зичиаш 2400—2700 кг/м³. Ҳангоми то 900—1000° С тафсонидан мисли кирм печутоб хўрда, ҳаҷмаш 15—20 баробар меафзояд. В. дар натиҷаи таъсири обҳои гидротермалӣ аз абрақҳои магнию оҳандор *(биотит* ва *флогопит)* ҳосил мешавад. Конҳои В. дар СССР (нимҷаз. Кола, Урал), ШМА ва ғарби Австралия ҳастанд. Аз В. масолеҳи бинокории саҳо ва гарминогузар, бетони сабук тайёр мекунанд. Инчунин барои истеҳсоли резин, пластмасса, ранг ва г. истифода мешавад.

ВЕРМУТ (нем. Wermut — явшон), виноест, ки бо растаниҳои бӯё ва шифобахш муаттар гардонида шудааст. Нахустин корхонаи В.-истеҳсолкунӣ с. 1786 дар Турин сохта шудааст. Истеҳсоли В. дар СССР аз с. 1947 оғоз ёфт. Асосан В.-и сафед, гулобӣ ва сурх, десертӣ ва г. истеҳсол мекунанд. В. 16—18% спирт ва 100—160 кг/м³ қанд дорад. Таркиби тахминии В.-и совети чунин аст (ба ҳисоби %): бузина 6, кардамон 8, дорчин 10, чормагзи бӯё 5, пудина 10, явшон 43, пубанаг 18. Шарбати В.-ро дар спирти 75-фоиза тайёр карда, ба миқдори 2—4% ба вино илова мекунанд.

ВЕРН (Verne) Жюль (8. 2. 1828, Нант — 24. 3. 1905, Амьен), нависандаи франсавӣ. Яке аз асосгузорони жанри романи илмии фантастикӣ. Маълумоти юридикӣ дошт. Фаъолияти адабиаш аз с. 1849 сар шудааст. С. 1862 романи аввалинаш «Панҷ ҳафта дар кураи ҳавоӣ» чоп шудааст. В. аниёда аз 65 романи илмии фантастики, саргузаштии географӣ, ичтимоии ҳаҷвӣ, инчунин повесту ҳикояҳо нашр кардааст. «Саёҳат ба маркази Замин» (1864), «Аз Замин ба Моҳ» (1865), «Дар гирди Моҳ» (1869), «Бачаҳои капитан Грант» (1867—68, тарҷ. тоҷ. 1939), «20000 ле дар зери об» (1869—70), «Гирди чаҳон дар 80 рӯз» (1872), «Ҷазираи пурасрор» (1875), «Капитани понздаҳсола» (1878) ва г. аз таълифоти ӯст. Қаҳрамонони В. одимони инсондӯст, баъзан муборизи зидди зулму тааддӣ мебошанд. В. зидди ба манфиати бойҳо истифода шудани комьёбиҳои илм буд. Яке аз тамурҳои тарафи аз назари пиҳони Моҳ ба номи В. гузошта шудааст.

Ад.: Брандис Е., Жюль Верн, Л., 1963.

ВЕРНАДСКИЙ Владимир Иванович (12. 3. 1863, Петербург — 6. 1. 1945, Москва), табиатшиноси советӣ, мутафаккири бузург, минералог ва кристаллограф, асосгузори геохимия, биогеохимия, радиогеология ва таълимот дир ба биосфера, ташкилкунандаи як катор муассисаҳои илми.

Акад. АФ СССР, президенти аввалини АФ РССУ (1919), аъзои академияҳои Чехословакия (1926) ва Париж (1928). С. 1885 фак-ти физикаю математикаи Ун-ти Петербургро хатм кардааст. Проф. Ун-ти давлатии Москва (1898—1911). Аз с. 1914 директори Музеи геологӣ ва минералогии АФ Петербург; директори Ин-ти давлатии радиӣ (1922—39). Яке аз ташкилкунандагони Комиссияи оид ба омӯхтани қувваҳои истеҳсолкунандаи табиии Россия. В. дар тадқиқоти сершумори худ сохти силикатҳо, геохимияи элементҳои нодир ва пароканда, ҷустуҷӯи минералҳои радиоактивӣ, роли организмҳо дар процессҳои геохимиявӣ, муайян кардани синни мутлақи ҷинсҳои кӯҳӣ барои бисьёр проблемаҳои калони илмии муҳимро ба миён гузоштааст. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1943). Бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст. Аз с. 1945 дар АФ СССР ва Ун-ти давлатии Москва 2 стипендияи ба номи В. И. Вернадский муқаррар карда шудааст. Ғайр аз ин дар АФ СССР мукофоти пулӣ (аз 1943) ва медали тиллои ба номи В. И. Вернадский (аз 1963) таъсис ёфтааст.

Ас.: Избр. соч., т. 1—5, М., 1954—60.
Ад.: Мочалов И. И., В. И. Вернадский — человек и мыслитель, М., 1970.

ВЕРНИДУБ Пётр Данилович (1924, деҳаи Усатово, вил. Одесса — 26. 10. 1944), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1945). Аъзои КПСС аз с. 1944. Пеш аз армия дар ш. Душанбе меҳонд. С. 1942 ба сафи Армияи Сурх даъват шуд. Командири взводи артиллерияи собиқ дивизияи тирандозии 144-уми Байраки Сурхдори Виленск шуда хизмат мекард. Авг. 1944 дар озод намудани ш. Вильнюс иштирок дошт. Взводи В. 9 танк ва якчанд тӯпҳои худгард, 4 тӯпи зиддитанки, 8 автомашина, 23 нуқтаи оташфишони, 2 взводи аскарони немисро нест карда, даҳҳо наф. гитлерчиёнро асир гирифт. Бо орденҳои Ленин, Байраки Сурх, Ҷанги Ватанӣ дараҷаи 1-ум ва 2-юм мукофотонида шудааст.

ВЕРНОВ Сергей Николаевич (тав. 11. 7. 1910, Сестрорецк), физики совети, акад. АФ СССР (1968; аъзокорр. 1953). Пас аз хатми Ин-ти политехникии Ленинград (1931) дар Ин-ти радиӣи АФ СССР, аз с. 1936 дар Ин-ти физикаи АФ СССР кор кард. Проф. Ун-ти давлатии Москва (1944). Корҳои илмии В. асосан ба омӯзиши табиат ва хосиятҳои нурҳои кайҳонӣ дар қабатҳои болоии атмосфера ва берун аз он оиданд. В. эффекти арзии нурҳои кайҳониро дар стратосфера кашф ва тадқиқ намуд. Спектри энергетикии нахустшуоъафканиро муайян кард. Эффектҳои гузарандаро дар нурҳои кайҳонӣ тадқиқ намуда, пайдоиши компонентҳои электронӣ-фотонии нурҳои кайҳониро шарҳ дод. Ҳамроҳи А. Е. Чудаков ва диг. минтақаи радиационии берунизаминиро кашф кард. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1949) ва Мукофоти ленинӣ (1960). Бо ордени Ленин ва диг. ордену медалҳо мукофотонида шудааст.

ВЕРСАЛЬ, Версай (Versailles), шаҳр дар Франция, 18 км ҷан. ғарбтар аз ш. Париж. Маркази маъмурии департаменти Ивелин. Аҳол. қариб 100 ҳаз. наф. (1973). Собиқ қароргоҳи шоҳони Франция (1682—1789). Маркази туризм. Шаҳр бо осори меъморӣ, санъати тасвирӣ ва воқеаҳои таърихии худ шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад. В. ба шакли ансамбли меъморӣ сохта шудааст (1661—1708 бо услуби классицизм). Қасри бошукӯҳ бо чорбоғи калон пайваст мешавад. Дарунӣ қаср боҳашамат буда, аз неш оинабандӣ шудааст. Дар чорбоғ ҳайкалу фавворахо, қасрҳои Трианони Калон (1687—88) ва Трианони Хурд (1762—64) мавҷуданд.

В. а-ҳои 17—18 дар атрофи қалъае, ки Людовики XIII сохта буд (1624), буньёд гардид. Дар ин ҷо с-ҳои 1783 ва 1919 шартномаҳои сулҳи Версаль имзо шудаанд. Дар давраи Коммунаи Париж маркази контрреволюция буд. Солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ В.-ро қӯшунҳои Германия ишғол карданд. Авг. 1944 аз тарафи партизанҳо озод гардид.

ВЕРТОЛЁТ, аппарати парини вазнинтар аз ҳаво, ки амуди парвозу нишаст мекунад. В. метавонад дар ҳаво дар ягон масофа аз рӯи Замин «муаллақ» истад, дар атрофи меҳвари амуди ба тарафи дилхоҳ гардиш кунад,



Расми 1.



Расми 2.

ба самти дилхоҳ, яъне пешноки, ё худ оқибноки ва ё худ паҳлуноки парвоз намояд.

Қувваи болобардори В. бо як ё якчанд (аксар бо ду) винти баранда, ки ба номитаи *муҳаррики авиационӣ*

(вертолёти) уфуқи чарх заповда мешаванд, ба вучуд меояд. Ҳангоми тасодуфан аз кор мондани муҳаррик В. бо истифодаи авторотацияи винти баранда нишаста метавонад.

рии чархзании винт ба кадом тарафе, ки тамоюл дода шавад (ба воситаи механизми махсус, ки онро автомати моилкунанда меғӯянд), мувофиқан қувваи кашиши винти баран-

Расми 3.

Сохти вертолёти дувинтаи ҳаммеҳвари Ка-18: 1 — парраҳои винти баранда; 2 — қисми пеши фюзеляж; 3—лавҳаи асбоб; 4—педали идораи самти ҳаракат; 5—қабулкунаки фишори ҳаво; 6 — шассии пеш; 7 — поймонак; 8 — курсиҳо; 9, 11—зарфҳои сӯзишворӣ; 10 — шассии асосӣ; 12—радиочиҳоз; 13—болори кисми дум; 14 — поли қисми дум; 15 — парҳои вертикалӣ; 16 — стабилизатор; 17 — муҳаррик; 18 — сутуни винтҳои баранда; 19 — дастаки идоракунии муҳаррику винтҳои баранда; 20 — дастаки идораи ҳаму рост кардани вертолёт.

Аз чиҳати тарзи ба мувозинат овардани моменти реактивии винтҳои баранда В.-ҳо яквинта (бо винти думӣ ё бо тарзи реактивӣ чарх заповдани винти баранда), дувинтаи ҳаммеҳвар, дувинтаи барқад, дувинтаи кӯндаланг сохта мешаванд. В. аз фюзеляж, *шассӣ*, узвҳои идоракунӣ, винтҳои баранда, дастгоҳи қувва *(муҳаррик* ва *трансмиссия)*, таҷҳизоти электрикию радио ва навигационӣ иборат мебошад. В.-и яквинтаи дорои ҳаракатовари механикӣ, ғайр аз ин, винти думӣ ва системаи онро идоракунанда низ дорад. Парраҳои винти баранда дар шакли боли борики дароз ва буриши онҳо чун буриши кӯндаланги боли самолёт сохта мешавад. Дар вақти чарх задани В. парраҳо *қувваи болобардор* ба вучуд меоранд ва бо таъсири ин қувва В. ба ҳаво бардошта мешавад. Қувваи кашише, ки винти баранда инкишоф медиҳад, ба ҳамвории чархзании вай перпендикуляр мебошад (расми 1). Аз ин сабаб ҳангоми чархзании уфуқии винти баранда, қувваи кашиши он амудӣ ба боло таъсир мекунад. Дар ин ҳол, агар қувваи кашиши винт *R* аз вазни вертолёт G зиёд бошад, В. амудона боло, кам бошад, амудона поён шуда ва агар баробар бошад «муаллақ» меистад. Агар фюзеляжи В. ба пеш моил шуда, ҳамвории чархзании винти баранда низ ба тарафи пеш моил гардад (расми 2), қувваи кашиши винт ҳам ба ҳамон ҳамворӣ перпендикуляр ва ба пеш моил мешавад. Дар ин ҳол қувваи кашиши винт *R* ба қуввaҳои таркибдиҳандаи уфуқи *P* ва амудӣ *У* чудо мешавад, ки аз онҳо қувваи болобардор *У* вазни В.-ро ба мувозинат меорад ва қувваи *P* ба В. ҳаракати пешравона медиҳад. Ҳамво-

да низ ба ҳамон тараф майл мекунад. Дар натича В. метавонад ба самти дилхоҳ парвоз намояд. Суръати В. то 350—370 км/с, борбардориаш то 40 т, дурпарвозиаш то 2000 км мерасад. Дар СССР истеҳсоли серияги В. с. 1951 оғоз ёфт. Тараққиёти вертолётсозӣ дар СССР ба фаъолияти конструкторони советӣ Н. И. Камов, М. Л. Миль, А. С. Яковлев ва дигарон алоқаманд аст. В. дар нақлиёти ҳавоӣ (Ми-4, Ми-6, Ми-8, В-12, Ка-22), хоҷагии қишлоқ, ҷангал, моҳигири (Ка-15, Ка-26, Ми-1, Ми-2), нигаҳдории тандурустӣ (Ка-18), ҷустуҷӯи сарватҳои зеризамини (Ка-26, Ка-18), сохтмони саноат, р. о., пулҳо, корҳои монтажи (Ми-10) ва г. васеъ кор фармуда мешавад. Махсусан дар шароитҳои кӯҳии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ истифода бурдани В. қулай аст.

Дар соҳаи ҳарбӣ В. барои кашондани десантҳои ҳавоӣ, қӯшут, техника ва таҷҳизоти гуногуни ҳарбӣ, беморону маҷрӯҳон, барои алоқа бо киштиҳои мухталиф, барои бо торпедаю мина ба заврақҳои зериобии душман зарба расондан, чун воситаи разведка ва г. истифода мешавад. Ниг. *Аппарати париш, Авиация, Авиацияи граждани, Авиацияи ҳарбӣ.*

А. Хочиев.

ВЕРШИНИН Константин Андреевич (3. 6. 1900, деҳаи Боркино, вил. Кирови ҳозира — 30. 12. 1973, Москва), ходими ҳарбии советӣ, Сармаршали авиация (1959). Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944). Аъзои КПСС аз с. 1919. Аз июни 1919 дар сафҳои Армияи Сурх. Иштирокчии Ҷанги граждани. Курси фармондеҳони аскарони пиёда (1920), курсҳои «Выстрел» (1923), Академияи ҳар-

бии ҳавоии ба номи Жуковский (1932) ва курси лётчикиро (1935) хатм намуд. Аз с. 1932 дар вазифаҳои фармондеҳӣ ва штабии ҚҲҲ. Дар даврои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) фармондеҳи ҚҲҲ-и Фронти Ҷанубӣ (сент. 1941 — май 1942), армияи 4-уми ҳавоӣ (май—сент. 1942), ҚҲҲ-и Фронти Закавказия (сент. 1942 — март 1943), фармондеҳи армияи 4-уми ҳавоӣ (аз марти 1943). С-ҳои 1946—49 сарфармондеҳи ҚҲҲ ва ҷонишини вазири Қувваҳои Мусаллаҳи СССР, с-ҳои 1949—51 ҷонишини Сарфармондеҳи ҚҲҲ. Аз янв. 1957 то марти 1969 Сарфармондеҳи ҚҲҲ ва ҷонишини вазири мудофиаи СССР. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 2 ва 4—7), ноиблзад ба аъзоии КМ КПСС (1952—56) ва аз с. 1961 аъзои КМ КПСС. Бо 6 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, 3 ордени Байраки Сурх, 3 ордени Суворов дараҷаи 1-ум, ордени Суворов дараҷаи 2-юм, ордени Ҷанги Ватани дараҷаи 1-ум, бо якчанд орденҳои хориҷӣ ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВЕСЕЛОВСКИЙ Александр Николаевич (16. 2. 1838, Москва — 23. 10. 1906, Петербург), адабиётшиноси рус, акад. АФ Петербург (1880), Ун-ти Москваро хатм кардааст. С-ҳои 1859—69 дар Испания, Германия, Чехия ва Италия ба кори илми машғул буд. Ба шӯъбаи забон ва адабиёти руси АФ роҳбари кардааст. В. донишманди адабиётҳои даврaҳои гуногуни славянӣ, Византия, Европаи Ғарби ва фольклори халқҳои гуногун, намояндаи барҷастаи адабиётшиносии муқоисави-таъриҳи буд. С-ҳои 60—70 В. назарияи асотирҳоҷкунии таъриҳиро кор карда баровард. Дар баробари эътироф кардани назарияи иқтибос В. чунин меҳисобид, ки ҳар як халқ сюжету мавзуъҳои худашро эҷод карда метавонад. С-ҳои 70—80 масъалаи инъикоси воқеияти таъриҳиро дар фольклор таҳқиқ мекунад («Афсонаҳо дар бораи Иван Грозный», 1876; «Достонҳои ҷанубии рус», 1881—84) ва дар асарҳояш яктарафагии назарияҳои фольклоршиносони буржуазиро ба зери танқид меғирад. («Китобҳои нав дар бораи адабиёти халқи», 1886). Таҳқиқотҳои В. дар бораи Ч. Боккаччо, А. Данте, Ф. Петрарка, ки дар ҳуди Италия баҳои баланд гирифтаанд, асарҳои у дар бораи А. С. Пушкин В. А. Жуковский аз доиши фаровон, рухи замон ва психологияи эҷодро амиқ фаҳмидани ӯ шаҳодат медиҳанд. Асарҳои ба эстетика бахшидаи В. ҳеле муҳиманд («Таъриҳ ё назарияи роман?», 1886; «Аз муқаддимаи поэтикаи таъриҳӣ»,

1894; «Се боб аз поэтикаи таърихӣ», 1899; «Поэтикаи сюжетҳо», 1897—1906). Осори илмии В. дар таърихи адабиётшиносии рус ва ҷаҳон саҳми босазо мебошад.

Ад: Шишмарев В. Ф., Александр Веселовский и русская литература, Л., 1946.

ВЕСЕЛО́ВСКИЙ Всеволод Глебович (тав. 23. 3. 1914, Кронштадт), меъмор, раиси Правлениях ИМ Тоҷикистон, Меъмори Хизматнишондодаи РСС Тоҷ. (1977). Аъзои Правления ва котиботи ИМ СССР (аз 1975). Аъзои КПСС аз с. 1945. С. 1937 Ин-ти инженерии сохтмони коммуналии Ленинград (ЛИИКС)-ро хатм намуда, 1937—41 дар Душанбе, дар идораи лоиҳакашии «Тоҷикгоспроект» ба сифати меъмор кор кардааст. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанист (1941—45). С-хои 1944—46 сармеъмори шӯъбаи музейҳо ва ёдгориҳои Управлениях санъати комитети иҷроиях Ленинград. С-хои 1946—57 дар РСС Лит. муовини сармеъмори ш. Вильнюс, муовини сардори Управлениях оид ба корҳои меъмории назди Совети Вазирон ва муовини раиси Госстрои РСС Лит. С-хои 1957—60 сармеъмори вил. Омск. Аз с. 1960 иҷроиб муовини раиси Госстрои РСС Тоҷ. Аз с. 1962 дар Съездҳои 6—9-уми меъморони Тоҷикистон паси ҳам раиси Правлениях ИМ Тоҷикистон интихоб мешавад. Корҳои асосии В. дар Тоҷикистон: лоиҳаи плани генералии ш. Ленинобод (1937—39), лоиҳаи дуюми плани генералии ш. Ленинобод (1963—67), ки шаҳр ҳоло аз рӯи он бино ёфта истодааст; лоиҳаи мучассамаи В. И. Ленин дар ш. Ленинобод (якҷоя бо ҳайкалтарош Н. А. Щербаков ва меъмор И. А. Гунст, 1971—74); лоиҳаи комплекси Ин-ти давлатии Тоҷикистон барои 8 ҳаз. донишҷӯй (1973—75, сохтмон ва такмили лоиҳааш давом дорад). Аввалин бор дар республика лоиҳаи баҳлангири ва сохтмони посёлкаҳои колхози (1940—41, колхозҳои «Озодии шарқ», «Ленин йули», «Куйбышев» и р-ни Куйбышев ва т.)-ро кор карда баромадааст. В. муаллифи як катор асарҳои илмист. Иштирокчии якчанд Конгрессҳои байналхалқии меъморон (Гавана, 1963; Прага, 1967 ва г.). Аъзои Президиуми ҷамъияти ихтиёрии оид ба муҳофизати ёдгориҳои таърихӣ ва маданиии Тоҷикистон. Муовини раиси комитети оид ба Мукофотҳои давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ. Раиси Совети методии республикавии Вазорати маданияти РСС Тоҷ. оид ба муҳофизат ва таъмимии ёдгориҳои меъмории. Бо ордени «Ситораи Сурх», ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Архитектура советского Таджикистана (якҷоя бо Д. Д. Гендлин, М., 1972); Архитектура и градостроительство в Таджикистане (альбом, Д., 1967).

ВЕСЕЛО́ВСКИЙ Николай Иванович (1848, Москва — 30. 3. 1918, Петроград), археологи рус, шарқшинос. Аз с. 1890 проф. Ун-ти Петербург. Таърих ва археологияи Осиёи Миёнаро омӯхтааст. Дар шаҳрҳои қадимаи Осиёи Миёна, аз ҷумла дар *Афросиёб* ҳафриёт гузаронид. В. дар омӯзиши ёдгориҳои а-ҳои 14—15 Самарқанд фаъолона иштирок намуда, альбоми мусаввараи масҷидҳо ва бозиёфтҳои онро ба нашр тайёр намуд. Таҳияи ҷадвали рангаи мақбараи Амир Темур ба ӯ тааллуқ дорад. Дар Ҷ. ва Ҷ. Ш.-ии Россия дар садҳо қабристон (аз ҷумла, дар қабристонҳои бойтарини шоҳони скиф Солоха ва Майкоп) ҳафриёт гузаронид. Доир ба таърихи илми рус тадқиқот бурдааст.

Ас.: Очерк историко-географических сведений о Хивинском ханстве от древнейших времён до настоящего, СПБ, 1877.

ВЕСПУ́ЧЧИ (Vespucci) Америго (байни с-ҳои 1451—54, Флоренция — 22. 2. 1512, Севилья), баҳрнавард. Аз маи 1499 то 1504 аввал дар флоти баҳрии Испания, баъд дар Португалия хизмат кард. Дар ин давра дар якчанд экспедицияҳои соҳилҳои Олами Нав иштирок намуд. Харитакаши лотарингӣ М. Вальдземюллер кашфиёти «Қитъаи чоруми олам»-и Колумбро ба В. нисбат дода, таклиф гузошт, ки ин материкро ба шарафи Америго В.— Америка номанд. Номи Америкаи Ҷанубиро ҳама эътироф карданд. С. 1538 қисми шимолии қитъа дар харитаи Меркатор Америкаи Шимолӣ ном гирифт.

ВЕ́СТА (Vesta), дар асотири Рими Қадим олиҳаи хонавода. Бо Гестияи Юнони Қадим айният дорад.

ВЕ́СТА, сайёраи хурди № 4. Астрономи немис Г. Ольберс кашф кардааст (1807). Масофаи миёна аз Офтоб 2,36 *воҳиди астрономӣ*. Қадри ситорагиаш 6,5. Диаметраш 385 км. Ягона сайёраи хурдест, ки дар шароити мусоид бо чашм мушоҳида кардан мумкин аст. Дар Тоҷикистон В. М. Черновский ва О. П. Васильяновская дурахши В.-ро чен кардааанд.

ВЕСТ-И́НДИЯ (англ. West-Indies — Ҳиндустони Ғарбӣ), номи умумии ҷаз-ҳои уқ. Атлантик, ки дар байни материкҳои Америкаи Шимолӣ ва Ҷануби ҷойгиранд. Онҳо ба масофаи 3500 км ба шакли камон тӯл кашидаанд. В.-И. ҷаз-ҳои Багам, Антили Калон ва Антили Хурдро дарбар мегирад. Ҷаз-ҳо ба Америкаи Шимолӣ тааллуқ доранд. Масоҳ. умумиашон қариб 240 ҳаз. км². Аҳол. зиёда аз 24 млн. нафар (1970). Рельефи ҷаз-ҳо ноҳамвор, бештар кӯҳсор; баландии к. Трухильо то 3175 м (дар ҷаз. Гаити). Вулқонҳои амалкунанда ва хомӯшшуда бисёранд; зуд-зуд зилзилаҳо рӯй медиҳанд. Конҳои маъдани манган, хромит, оҳан, асфальт, нефту боксит ва фосфорит дорад. Иқлимаш тропикии пассатӣ. Дар Шим. ҳарор. янв. 21° С, дар Ҷ. 26° С. Боришоти миёнаи солонаи 1000—1500 мм. Дарьёҳояш кӯтоҳ ва тезҷараёнанд. Дар пастиҳо асосан найшакар, қаҳва, тамоку, пахта мекоранд, дар кӯҳҳо дарахтони сӯзанбарг ва г. меруянд. Дар ҷаз-ҳои В.-И. давлати социалистии Куба ва давлатҳои Гаити, Доминикана, Тринидад ва Тобаго, Ямайка, Барбадос, инчунин як қатор мулкҳои Британияи Кабир, Нидерланд, Франция ва ШМА воқеанд. Х. Колумб ҳангоми саёҳати худ (1492—1502) ҷаз-ҳоеро, ки дар онҳо қабилаҳои ҳиндӣ—аравак ва карибҳо зиндагӣ мекарданд, кашф намуда, онҳоро саҳван як қисми Ҳиндустон шумурд. То ин вақт В. И.-ро як гӯшаи Осиё ҳисоб мекарданд. Баъд барои ҷазираҳоро аз Ҳиндустони Осиё (Ост-Индия) фарқ кардан Ҳиндустони Ғарбӣ (Вест-Индия) номиданд. Аҳолии ҳозираи В.-И. асосан зангиҳо—авлоди ҳамон ғуломоне мебошанд, ки европоиҳо а. 16 — ибтидои а. 19 аз Африка оварда буданд. Аз ҷиҳати антропологӣ аҳолии В.-И. ягона набуда, намояндагони ҳар се нажоди асосии башар: европоӣ, мугул ва экваторӣ (зангии австралӣ) бо ҳам даромехтаанд. Аксарияти халқҳои В. И. ба забони испанӣ, франсавӣ, голландӣ, англисӣ ва шеваҳои маҳаллӣ ҳаф мезананд. Дар мустамликаҳои пештараи Испания, Франция дини католикӣ ва дар терр. боқимонда маҳҳабҳои сершумори протестантӣ ҳукмрон аст. Аксарияти ҳиндуҳо бутпарастанд. Дар баъзе мамлакатҳо боқимондаи дину оини африкоиҳо вуҷуд дорад. Мустамликадорон қабилаҳои аравак ва карибҳо — ҳиндуёни америкоиро сар то сар қир намуданд ва дар нимаи а. 16 ба таври оммавӣ овардани ғуломони африкоӣ сар шуд. Истисмори бераҳмона сабаби шӯришҳои зиёди ғуломон ва ҷангҳои озодихоҳона гардид. Дар натиҷа с-ҳои 1833—80 ғуломдорӣ мувофиқи қонун барҳам хурда, дар В.-И. давлатҳои мустақил ба вуҷуд омаданд. Ниг. низ *Америкаи Шимолӣ*.

ВЕТЕРА́Н (лот. Veteranus аз vetus — кӯҳан, пир, санчидашуда, кордида), 1) дар Рими Қадим сарбози хизматро адокарда. Ба онҳо замин ё пул медоданд, аз андозҳо озод мекарданд ва агар пештар ҳуқуқи граждани надошта бошанд, ба он соҳиб мегардиданд. 2) Ҷанговари кӯҳан, иштирокчии ҷанг (В. и ҷанги граждани). 3) Мачолаи шахсе, ки дар ягон соҳа муддати дароз хизмат кардааст (В. и истеҳсолот, В. и илм ва г.). Дар СССР с. 1974 медали «Вете-

рани меҳнат» таъсис карда шуд, ки ба В.-ҳои фаъол дода мешавад.

ВЕТЕРИНА́РИЯ (лот. Veterinarius — нигоҳубин ва муолиҷакунандаи ҳайвонот), тибби ветеринарӣ, байторӣ, системаи илмҳоест, ки касалиҳои ҳайвонот, масъалаҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво ва инчунин усулҳои аз зоонозҳо муҳофизат намудани одамонро меомузад. Ба системаи илмҳои В. анатомия ва физиологияи ҳайвонот, гистология, биохимия ва микробиология, вирусология, паразитология, эпизоотология, ташхиси клиникӣ, патология ва терапияи касалиҳои даруни, фармакология, ҷарроҳӣ, зоогигиена, муоинаи ветеринария ва санитария ва г. дохил мешаванд. В. бо илмҳои зоотехника, тиб, физика, химия, биология ва г. низ зич алоқаманд аст. Чорво, ҳайвоноти вахшӣ, парранда, занбӯри асал ва инчунин ашъёи хому маҳсулоти чорворо тадқиқ менамояд. В. омили муҳимми пешрафти ҳайвонотпарварии х. қ. буда, дар ҷараёни фаъолияти амалии инсон ҳанӯз ҳангоми дастомӯзии ҳайвонҳои аввалин ба вуҷуд омада, бо инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, тағйирёбии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва равнақи илмҳои табиатшиносӣ пеш рафтааст. Нахустин сарчашмаҳои хаттӣ оид ба В. дар ҳазорсолаи 4-уми пеш аз м. (Миср) ба вуҷуд омадааст. Оид ба муолиҷаи касалиҳои ҳайвонот дар маъхазҳои қадими ҳинд, хитоиҳо ва форсу тоҷикон («Авесто») низ маълумоти гаронбаҳо мавҷуданд. В.-и касбӣ дар Россия а-ҳои 10—13 ба вуҷуд омада, баъди а-ҳои 16—17 инкишоф ёфтааст. Дар инкишофи минбаъда ва ҳозираи В. роли Л. Пастер, Р. Кох, олимони рус Я. К. Кайданов, В. И. Всеволодов, И. И. Равич, Х. И. Гельман, О. И. Кальнинг, олимони советӣ К. И. Скрябин, Я. Е. Коляков, С. Н. Вышелесский, И. И. Кулеско, М. М. Иванов, С. Я. Любашенко, В. Л. Якимов ва г., олимони хоричӣ Д. Накамура (Япония), Г. Л. Рамон (Франция), Р. Маннингер (Венгрия), К. Хейген (ШМА), Х. Рёрер (РДГ), А. Рафӣ (Эрон), В. О. Нейц (РФГ) ва г. хеле калон аст. В.-и СССР аз рӯи вазифа давлати ва идоравӣ мешавад. В.-и давлатӣ дар асоси Устави ветеринарии СССР аз болои В.-и идоравӣ назорати ветеринарӣ мебарад ва ба вай ёрии амалӣ мерасонад. В.-и идоравӣ бошад, бо иҷрои вазифаҳои пешгузоштаи идора ё корхона маҳдуд мешавад. Амалигардонии тадбирҳои В. бепул буда, дар асоси плани муайяни давлатӣ гузаронида мешавад. Аз болои кори умури ветеринарӣ Саруправленияи ветеринарӣ таҳти роҳбарии ВҲҚ СССР назорат мекунад. Дар республика, вилоят ва кишварҳо шӯъбаҳои ветеринарӣ ташкил карда шудаанд, дар району шаҳрҳо бошад, ба кори ветеринарӣ станцияҳои зидди касалии чорво роҳбарӣ мекунанд. Дар к-зу с-зҳо кори ветеринариро асосан сардухтури ветеринарии хоҷагии мазкур ташкил менамояд. ВҲҚ оид ба В. фармоиш, нишондод, қоида, дастуруламал мебарорад, тарафҳои асосии корро дар маҳви касалиҳо аниқ карда, шӯъба ва донишкадаҳои махсуси илмии ветеринари ташкил менамояд, муассисаҳои ветеринариро бо воситаҳои моддӣ таъмин мекунад. В.-и хусусиро саноатҳои гӯшт, шир, хӯрокворӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи СССР, армияҳои ВҚД ва Комитети бехатарии давлатӣ, Центросоюз ва г. доранд. Дар системаи ВҲҚ СССР зиёда аз 40 ҳаз. ташкилот ва муассисаҳои муолиҷавӣ, ташхисӣ ва ветеринарию санитарӣ, 27 Ин-ти тадқиқоти илмии ветеринари, 31 Станцияи тадқиқоти илмӣ-ветеринари, 8 лабораторияи илмӣ-истеҳсолӣ мавҷуданд. Дар СССР ҳанӯз с-ҳои 20—30-юм касалиҳои вабо, омоси шуши чорвои калони шохдор ва г., солҳои баъди ҷанг нагзаки гӯсфанд, анемия ва лимфангоити сироятии асп, тоун ва сухтании хук, парранда ва г. бархам ёфтааст.

Асарҳои бисьёр олимони советӣ дар соҳаи гельминтология, микробиология ва эпизоотологияи ветеринари, протозоология, патология ва терапияи касалиҳои даруни ва г. шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Муваффақиятҳои илмии В. дар «Асарҳо»-и Ин-тҳои тадқиқоти илмӣ ва журнали «Ветеринария» (аз с. 1924) нашр мешаванд. Мутахассисон ва олимони бисьёр мамлакатҳои дунёе дар Ассоциацияи байналхалкии ветеринарӣ (СССР аз с. 1928) муттаҳид шудаанд. Аз с. 1924 Бюрои хизматрасонии байналхалқии эпизоотҳои 84 мамлакати дунёе (аз ҷумла СССР) вуҷуд дорад, ки оид ба масъалаҳои муҳими ветеринарияи байналхалқӣ мунтазам сессия, конгресс ва г. мегузаронад. То Рев. Октябрь дар Тоҷикистон 45—53%-и ҳайвоноти х. қ. аз касалиҳои тоун, нагзаки булу гӯсфанд, варами шуш ва г. талаф мешуд. С. 1925 дар назди Комиссариати халкии зироати республика шӯъбаи В. таъсис ёфт, ки аз 7 муассисаи ветеринарӣ иборат буд ва дар онҳо 2 духтур ва 8 фельдшер-ветеринар кор мекард. С. 1936 дар Душанбе техникуми ветеринари ташкил ёфт, ки с. 1964 бо совхоз-техникуми ба номи В. В. Куйбышев муттаҳид гашт. С. 1943 Лабораторияи бактериологии ветеринарии Сталинобод ба Станцияи тадқиқоти илмии в. с. 1961 ба Ин-ти тадқиқоти илмии ветеринарияи Тоҷикистон табдил ёфт. Дар республика вакцинаи зидди нагзаки бузу гӯсфандро ҳосил намудаанд, ки патенти тайёр кардани онро бештар аз 15 мамлакати дунёе харида гирифт. Ба мукобили тоуни мург ва плевропневмонияи буз, каприн ва вирус-вакцинаи хушк тайёр карданд. Дар Тоҷикистон (1976) 523 муассисаи давлатии ветеринарӣ (аз ҷумла 40 станцияи районии зидди касалиҳои чорво, 20 табобатхона, 210 участкаи ветеринарӣ, 29 пункти ветеринари, 19 лабораторияи ветеринари, 3 станцияи шаҳрии ветеринарӣ ва санитари, 45 станцияи назорати гӯшту шир, 8 пункти ветеринарии назорати сарҳадӣ) амал мекунанд. Дар шабакаҳои давлатии ветеринарии к-зу с-зҳо 2224 мутахассис, аз ҷумла 709 духтури ҳайвонот кор мекунанд, ки зиёда аз 30 нафари онҳо сазовори унвони «Духтури ветеринарии хизматнишондодаи РСС Тоҷ.» гардидаанд. 45 дорухонаи ветеринарии Иттиҳодияи республикавии «Тоҷикзооветснаб» чорводоронро аз дорувор ва лаволимоти ветеринари таъмин мекунад. Фак-ти ветеринарии Ин-ти х. қ.-и Тоҷикистон кадрҳои баландихтисоси дорои маълумоти олии ветеринари тайёр менамояд.

Ад.: Авессаломов И. С., Касалиҳои ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ ва вахшии Тоҷикистон, Д., 1973; Пустовой И. Ф., Развитие ветеринарной науки в Советском Таджикистане, «Тр. Всесоюз. ин-та экспериментальной ветеринарии», т. 41, М., 1973.

И. Ф. Пустовой, А. Ш. Шаболов.

ВЕТО (лот. Veto — манъ мекунем), 1) ҳуқуқи боздоштан ё манъи қатъии қарори як орган аз тарафи органи дигар. 2) дар давлатҳои буржуазӣ В. ҳуқуқест, ки сардори давлат амали гардонидани лоиҳаи қонуни аз тарафи органҳои қонунбарор қабулкардашударо рад карда метавонад. Ҳуқуқи В. дар давлатҳои монархӣ дар давраи баробар шудани қувваҳои ҳокимияти иҷроия (монарх) ва парламент ба вуҷуд омадааст. Дар аксари республикаҳои буржуазии ҳозира сардори давлат — президент ҳуқуқи В. дорад.

«ВЕЧЕРНИЙ ДУШАНБЕ́», газета, органи комитети шаҳраи ПК Тоҷ. ва Совети депутатҳои халкии ш. Душанбе. Аз 1 окт. 1968 ҳафтае 5 бор ба забони рӯсӣ чоп мешавад. Дар саҳифаҳои «В. Д.» доир ба ҳаёти аҳолии пойтахти РСС Тоҷ., соҳаҳои гуногуни хоҷагии шаҳр, дар бораи адабиёту санъат, таълиму тарбия, навигариҳои илму техника, маишату истироҳати меҳнаткашон ва г. хабару маколаҳо ба табъ мерасанд. Адади нашраш зиёда аз 77000 нусха (1978).

ВЕША́Б, деха дар С. қ. Шамтучи р-ни Айнии вил. Ленинобод. Дар сари роҳи автомобильгарди Айни — Мастчоҳ воқеъ гаштааст. Терр. к-зи «Тоҷикистон». Аз В. то маркази С. қ. 7 км, то район 47 км. Аҳол. 870 нафр. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, пункти тиббӣ дорад. Филиали комб. хизмати маишии район (цехҳои дузандаги, дуредгари ва сартарошхона) кор мекунад. Соҳаҳои хоҷаги — тамокукорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, галлакорӣ (гандум, ҷав).

ВЕШИМ, ишим, ишим (Angelica ternata), гиёҳи бисьёрсола, мансуби *чатргулҳо*. Баланднаш то 80 см. В.

тирреша ғафс, пояи дарунхолӣ, барги сепарра, гултӯдаи чатрмонанд ва меваи байзашакл дорад. Июль—окт. гулу мева мекунад. Танҳо дар СССР (Помиру Олой ва Тиёншон) ва Синьцзян меруяд. Дар Точикистон дар к-кӯҳҳои Туркистону Зарафшон, Ҳисору Дарвоз то баландии 3500 м аз с. б. паҳн шудааст. Дар водии Зарафшон чун гиёҳи хӯрданию хушбӯй ва шифобахш маъмул аст. Решаю алафи В. моддаҳои даббоғию кумаринӣ, пайвастҳои флавоноидӣ, кислотаҳои органикӣ, равғани эфир ва ғ. дорад. Чӯшоб ё қиёми алафи навруста ва решаи В.-ро воситаи хунбанду хобовар, мукаввии дил, пасткунандаи фишори хун, воситаи рафъи заъфарма, реши меъдаву рӯда, нуқси шуш ва ғ. меҳисобанд. В.-и хушк хӯроки хуби чорвост.

Ад.: Флора СССР, т. 17, М.-Л., 1951; Пименов М. Г., Перечень растений — источников кумариновых соединений, Л., 1971. *М. Ҳоҷиматов.*

ВЕШИСТ, деҳа дар С. к. Ёрӣ, р-ни Панҷакенти вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Москва». Аз В. то маркази С. к. 15 км, то район 43 км; роҳ мошингард. Аҳол. 395 наф. (1976), тоҷикон. В. дорои мактаби 8-сола, клуб, магазин, чойхона ва сартарошхона мебошад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — тамокукорӣ, ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз оби сои Вешист обёрӣ мешаванд.

ВЕШКАНД, деҳа дар С. к. Урметани р-ни Айниӣ вил. Ленинобод. Дар сари роҳи автомобильгарди Айниӣ—Панҷакент. Аз В. то маркази С. к. 10 км, то район 30 км. Аҳол. 1005 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, пунктҳои тиббӣ, нуқтаҳои хизмати маишӣ (устохонаҳои дӯзандагӣ, пойафзолдӯзӣ, сартарошхона), чойхона, ошхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — тамокукорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ. Заминҳо аз оби сои Вешканд обёрӣ мешаванд.

ВЗВОД, подразделениеи ҳарбӣ, ки аз 2—4 отделение ё якчанд расчёти тӯп ё экипажи танк иборат аст. В. дар қӯшунҳои пиёдагард, савора, артиллерӣ, танкӣ, инженерӣ ва ғ. вуҷуд дорад. Ба ҳайати подразделениеҳо нисбатан калон, ротаҳо, батареяҳо, командаҳо ва баъзан бевосита ба ҳайати баталион (дивизион) ва қисмҳои алоҳида дохил мешаванд.

ВИАДУК (лот. via — роҳ ва duco — мекушоям), пуле, ки аз болои ҷаре, дара ё ботлоқзор мегузарад. В. дар шакли конструкцияҳои равоқдор ё болорӣ (аз санг, металл, бетон ва оҳанубетон) сохта мешавад. Дар Рими Қадим аз тахтасанг В. месохтанд. Охири а. 19 В.-ҳои металлию оҳанубетонӣ пайдо шуданд. Дар иншоотҳои Точикистон навъҳои махсуси В. — *саҳебук* ва *селедук* (иншоотҳои селҳазор) васеъ татбиқ ёфтанд.

ВИБРАТОР (лот. vibro — меларзам), системе, ки дар он лаппиш (лаппиши механикӣ, электромагнитӣ ва ғ.) ба вуҷуд меояд. Мас., тор, камертон, маятник, контури лаппиш ва ғ. В. д а р т е х н и к а — ҷиҳозест барои ангехтани лаппиши механикӣ. Он чун агрегати мустақил ё чун ҷузъи мошини вибрационӣ истифода мешавад. В.-ро барои шиббаи хоку бетон (дар сохтмон), санчиши мустаҳкамию бадоштии болҳои самолёт, меҳвари муҳаррик ва диг. асбобу аппаратҳо ба кор мебаранд. В. қисми асосии асбобҳои техникӣ, мас., вибриометр, вибриограф, басомадсанҷ ва ғ.-ро ташкил медиҳад. В. дар р а д и о т е х н и к а ҷиҳозест, ки ҳангоми гузаштани ҷараёни тағйирёбанда мавҷҳои электромагнитии амплитуда ва басомадашон гуногунро меафканад (мас., вибратори Герц).

ВИБРИОЗ (Vibriosis), а б о р т и в и б р и о н ӣ, касалии сироятии гов, бузу гӯсфанд ва хук. Ҳодисаи ба В. гирифтор шудани одам низ мушоҳида шудааст. В.-ро микроби Vibrio fetus (оилаи Spirillaceae) меангезад. Ангезандаи В.-ро бори аввал с. 1913 олимони англис Ҷ. Мак-Фадьен ва С. Стокмен ва с. 1918 Т. Смит аниқ кардаанд. Ангезандаи В. дар нутфаи ҳайвони нар, узвҳои ҷинсии ҳайвони мода ва ғ. ҷамъ меояд. Ҳангоми В. иҷоти умумии ҳайвонот мушоҳида мешавад.

У с у л ҳ о и м у б о р и з а: ҷудо нигоҳ доштан ва табобати ҳайвони касал, дезинфекцияи бино, барои пешгирӣ бо хӯрок додани антибиотикҳо.

Ад.: Е в с е й ч е н к о Р. И., Вибриоз крупного рогатого скота, Минск, 1968.

ВИБРИОНҲО (франс. vibrion, аз лот. vibro — меларзам), бактерияҳои хурди вергулшакли ҳамчинакдор, ки ба ҷинси Vibrio мансубанд. Дар об, хок ва наҷосати ҳайвоноту одам зист мекунанд (мас., V. comma вибриони вабо). Зиёда аз 100 намуди онҳо маълум аст. Онҳо бештар ба одам беморихоро мегузаронанд. Баъзе намудҳояшон (мас., V. metchnikovii) танҳо дар паррандаҳо беморихоро ба вуҷуд меоранд. В.-и беморионари моҳӣ ва мухрадорон ҳам маълуманд.

ВИДЕО..., (лот. video — мебинам), қисми аввали калимаҳои мураккаби мансуб ба соҳаи тасвири сигналҳои телевизионӣ, радиолокационӣ ва ғ. дар экрани карнаи электроншуоӣ. Мас., *видеосигнал, видеоқувватдиҳанда, видеотелефон.*

ВИДЕОМАГНИТОФОН (аз *видео...* ва *магнитофон*), аппарати сабти овозу тасвир дар навори магнитӣ ва аз нав намоиш додани тасвиру шунавонидани овоз. Бо ёрии В. воқеаҳои муҳим, барномаҳои телевизионӣ (бозии футбол, спектакли телевизионӣ, консерт ва г.)-ро сабт карда, такроран намоиш медиҳанд. Принципи кори В. чун магнитофони мукаррарист, аммо дар он наворро нисбат ба сараки магнитӣ тезтар (20—40 см/сон) ҳаракат медиҳанд. Дар В. одатан навори сербар (12,7, 25,4 ё 50,8 мм), ки раҳҳои сабти сигнали тасвир дорад, истифода мешавад.

ВИДЕОСИГНАЛ, сигнали электрикӣ барои ба вуҷуд овардани тасвир. В.-ро бо ёрии табдилдиҳандаҳои рӯшной-электрикӣ (дар *телевизион* — суперортикон, видикон; дар *фототелеграфия — фотоэлемент*), ё тавассути детектиронии мавҷҳои электромагнитие, ки *радиолокатор* қабул мекунад, ба вуҷуд меоранд. Дар системаҳои телевизион басомади спектри В. тақрибан 50 Гц — 6,5 МГц, дар фототелеграфия 80 Гц — 6 кГц, дар системаҳои радиолокационӣ 50 Гц — 10 МГц мебошад.

ВИДЕОТЕЛЕФОН (аз *видео...* ва *телефон*), як навъ алоқаи телефонист, ки мусоҳибон аз масофатҳои дур ҳамдигарро мешунаванд, мебинанд ва инчунин тасвироту матнҳоро ниҳон дода метавонанд. В. аз аппарати телефон, видеоблок ва пульти идора ташкил ёфтааст. В и д е о б л о к аз қисми қабул — *кинескоп* ва қисми ирсол — *карнаи телевизионии ирсол* иборат аст. Ирсоли тасвир бо 2 канали алоқа ба амал меояд. Рақамчинӣ ва гуфтугӯ бо В. мисли телефони мукаррарист. Тасвир мисли тасвири телевизион буда, ба сатрҳову кадрҳо (аз 200 то 400 сатр ва аз 25 то 30 кадр дар як сония) ҷудо мешавад. Бори нахуст 1 марти 1936 байни Берлину Лейпциг алоқаи видеотелефонӣ барқарор гардид. Окт. 1961 алоқаи видеотелефонии Москва — Киев ва Москва—Ленинград ташкил шуд. Баъд В. дар Таллин, Вильнюс, Каунас, Львов, Қазон, Тошкент, Фарғона, Андиҷон ва диг. шаҳрҳои калони Иттифоқи Советӣ ба кор сар кард.

ВИДЕОҚУВВАТДИҲАНДА, қувватдиҳандаи лампаги ё нимноқили, ки дар ҷиҳози телевизионӣ, радиолокационӣ, осциллографӣ ва ғ. барои нурқувват кардани *видеосигнал* (неш аз ирсоли он ба *карнаи электроншуоӣ*) истифода мешавад (ниг. *Қувватдиҳанда*). Схемаи В.-и як ва дукаскада бештар истифода мешавад. Ба ҳаҷми зиёд тақвиятии онҳо резистори каммуқовимат ва комбинацияҳои гуногуни ғалтаки индуктивӣ, конденсатор ва резисторҳоро меафзоянд. Ин комбинацияҳоро тавре интихоб мекунанд, ки тақвияти ҳамвори сигналҳо дар интервали калони басомад таъмин гардад.

ВИЕЙРА УАЙТ (Wieira White) Ҳильберто (тав. 5. 4. 1911, Медельин), ходими Партияи Коммунистии Колумбия (ПКК). Аз оилаи инженер, журналист. С. 1930 дар ташкили ПКК иштирок намудааст. С-ҳои 1937—47 депутати Конгресси миллӣ аз тарафи ПКК ва муҷовири муниципалитети ш. Богота буд. С-ҳои 1939—47 раиси ПКК, 1947—58 котиби генералии ПКК, аз дек. 1958 то янв. 1966 котиби сиёсии КМ ПКК, аз янв. 1966 котиби генералии КМ ПКК. С. 1970 ҷонишини раиси ассамблеяи конгуҷории

(парламент) департаменти Кундинамарк интихоб шуд. Аз с. 1972 аъзои Совети муниципалитети ш. Богота. С. 1974 ба ҳайати палатаи намояндагони Конгресси миллии Колумбия дохил гардид. Барои фаъолияти революционаш борҳо ҳабс шудааст. Муаллифи як силсила мақолаҳо буда, ба масъалаҳои революция ва ҳаракати миллию озодихоҳӣ аз мавқеи назарияи марксистӣ дахл мекунад. С. 1976 дар Съезди 25 КПСС иштирок намуд. Бо ордени Революцияи Октябрь (1976) мукофотонида шудааст.

ВИЗА (франс. visa, аз лот. visus—аз назар гузаронида, дидашуда), 1) қайди рухсат аз тарафи шахси мансабдор дар ҳуҷҷат ё акте, ки ҳақиқӣ будани онро тасдиқ мекунад ва ба он эътибор мебахшад; умуман иҷозат, гузарнома, розигӣ, савобдид, қайди тасдиқ ва ғ. 2) қайд дар паспорт, ки ба соҳиби он ҳуқуқи ба ҳудуди давлати хориҷа рафтан, бозгаштан ё ба давлати диг. гузаштанро медиҳад. Одатан В.-ҳои омадурафт ва транзитие, ки аз тарафи органҳои салоҳиятдори давлатӣ ба муддати муайян дода мешаванд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бисьёрии давлатҳо ба мамлакати ҳуд омадани хориҷиёнро ҳамон вақт иҷозат медиҳанд, ки агар паспорташон мувофиқи В. аз қайд гузаронида шуда бошад. Дар ҳолатҳои ҷудогона тартиби осонтар муқаррар мекунанд, мас., барои туристон—рӯйхат, барои экипажи киштиҳои савдои хориҷӣ—дафтари баҳрнавардӣ, барои истиқоматкунандагони районҳои пазди сарҳад, ки ба муддати кӯтоҳ ва барои кор аз сарҳад гузаштанианд — рухсатнома. Дар СССР тартиби ҳалли омадурафт ва транзит мувофиқи Низомномаи махсус муқаррар шудааст. Гражданинҳои хориҷӣ танҳо бо В.-и сафоратхона, миссия ва консулхонаҳои дар хориҷа будаи СССР ба Иттифоқи Советӣ омада метавонанд. Гражданинҳои мамлакатҳое, ки бо СССР муносибати дипломатӣ ва консулӣ надоранд, барои В. ба сафоратхона ё консулхонаи дар мамлакати диг. доштаи СССР, муроҷиат карда метавонанд. В. барои рафтан аз СССР аз тарафи ВКХ СССР, ВКХ республикаҳои иттифоқӣ, вакилони дипломатии ВКХ СССР, инчунин органҳои милиция дода мешавад.

ВИЗАНТИЯ, Бизант, Империяи Византия, Империяи шарқии Рим, давлате, ки с. 395 дар натиҷаи суқути Империяи Рим ташкил ёфта, то миёнаҳои а. 15 вуҷуд дошт. Дар давраи авҷи пашъунамо нимҷаз. Балкан, Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин, Миср, Италия, ҷаз-ҳои Баҳри Миёназамин, Африкаи Шимолӣ, қисми нимҷаз. Пиреней, Закавказия, Қримро дарбар мегирифт. Пойтахташ Қустантания (Константинополь), ки онро с-ҳои 324—330 император Константини I дар ҷои Византий — собиқ колонияи


Дунай
Х Р И С Т И А Н
Кустантания
Ирландия
Исландия
Норвегия
Швеция
Дания
Ирландия
Британ
Франция
Германия
Польша
Чехия
Венгрия
Австрия
Швейцария
Италия
Испания
Португалия
Марокаш
Африка
Сицилия
Сардиния
Корсика
Крит
Кипр
Сурия
Фаластин
Миср
Ливия
Тунис
Алжир
Марокаш
Ирак
Эрон
Арманистон
Грузистон
Абхазистон
Ҳиндустон
Ҳиндустон
Ҳиндуст

Константини XII Палеолог дар ҷанг халок шуд. В. барҳам хӯрд.

Алоқаи халқҳои Осиёи Миёна бо В. аз давраҳои қадим басо мустаҳкам буд. Дар «Номгӯи халқҳо» («Навномак») ва диг. ҳуҷҷатҳои хаттии суғдӣ дар қатори диг. халқҳо византиҳо ва суриёниҳо зикр шудаанд. Адади зиёди сиккаҳои ёфтшуда ва брактеатҳои византии а-ҳои 5—8 далели шайъии алоқаҳои Византия бо халқҳои Осиёи Миёна мебошад. Чунин брактеатҳо дар ёдгориҳои бостонии Шаҳристон, Куркат, Панҷакент, Самарқанд ва Қирғизистон ёфт шудаанд. Дар деҳаи Покровскии водии Чу кӯзаи нуқрагини а-ҳои 7—8, ки дар он ба таклиди тамғаҳои византи аломатҳои салибмонанд кандаанд, инчунин табақи византӣ бо тасвири Венераю Анхиз ва катибаи суғдӣ ёфт шуданд. Алоқаи Осиёи Миёнаю Византия, ки аз а. 4 вуҷуд дошт, дар нимаи дуюми а. 6 ва а. 7 муттасил давом кард. Мувофиқи хабарҳо муаррихи византи Менандр с-ҳои 60-уми а. 6 сафорати ҳоқони турк Дизибул бо сардории марди суғди Мониях ба Қустантания меравад ва дар бозгашт ҳамроҳи ӯ сафорати Зимарх ба Осиёи Миёна меояд. Пас аз ин сафар рафтуои сафоратҳо мунтазам мешавад. Чунончи, аз с. 568 то 576 ҳафт маротиба Византия ба Осиёи Миёна сафорат ташкил карда буд. Алоқаи савдо бо В. хеле мустаҳкам буд. Ёфт шудани адади зиёди сиккаҳои миснии византи дар Осиёи Миёна дар ин бора гувоҳи медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳо Осиёи Миёна бо Сурия низ, ки он ҳаҷ ба ҳайати В. дохил буд, алоқа дошт. Дар ин бора маълумотҳои хаттию бозёфтҳои археологи шаҳодат медиҳанд. Дар Осиёи Миёна паҳншавии дини исавиро низ бо насрониёни суриёнӣ вобаста медонанд.

Маданияти Византия. Маданияти В. бо таъсири анъанаҳои Рим, Юнон ва Шарқ (эллини) ба вуҷуд омада, ҳамчун маданияти насрони шакл гирифт. Византиягиҳо маданияташонро комёбии олии инсоният ҳисобида, онро аз таъсири ачнабиён эмин медоштанд. Вале дар а. 11 ба омӯхтани математика ва тиббӣ арабу аҷам ва тарҷумаи асарҳои адабии Шарқ шавқу ҳавас зоҳир намуданд. Аз миёнаи а. 7 то миёнаи а. 9 дар натиҷаи паст шудани иқтисодиёт, аз даст рафтани мулкҳои шарқӣ ва марказҳои калон таназзули маданият сар шуд.

Адабиёт. Адабиёти В. (ба забони юнонӣ) яке аз қадимтарин адабиёти Европаи асрҳои миёна аст. Адабиётшиносони буржуази адабиёти В.-ро диниӣ ва таклиди гуфтаанд. Олимони пешқадами ҳозирӣ ва олимони совет ин ақидаро нафй намуданд. Ин адабиёти он замон гуногуншакл ва оригиналист. Бисёр ёдгориҳои адабиёти В. дар қатори намунаҳои адабиёти асрҳои миёнаи ва давраи Эҳьё меистанд. Ҳамаи асарҳои дар В. эҷодшуда то замони мо нарасидаанд, матнҳои аслии юнонӣ нобуд шуда, танҳо баъзеашон дар ривоятҳои славянӣ боқӣ мондаанд. Адабиёти В.-ро ба 4 давра тақсим мекунанд. Адабиёти давраи якум (а-ҳои 4—7) ташаккули маданияти насроніро, ки дар муборизаи бо идеологияи атиқии бутпарастӣ инкишоф меёфт, инъикос мекунад. Анъанаҳои атиқӣ дар назми дуньявӣ (эпиграмматика), дар наср (Агафии Мириней) ва дар воқеанигорӣ (Прокопии Кесарӣ) акс ёфтаанд. Идеологҳои насронӣ дар публицистика (Афанасии Александрияги, Василий Кесарӣ, Иоанни Зарриндаҳон), гимнография (Ефрем Сирин), агиография (Афанасии Александрияги, Палладий) ва дар таъриҳнигорӣ (Иоанн Малола) ба майдон меоянд. Назми динӣ инкишоф ёфт, ки Романи Хушгуфтор вассофи намоёни он буд. Асоси мундариҷаи назми диниро ривоятҳои аҳди қадим ва аҳди ҷадид, маноқиби авлиё ташкил медиҳад. Баъзе аз ёдгориҳои адабиёти насронии ин давра, алалхусус апокрифҳо ба фольклор наздик буданд. Дар давраи дуюм (а-ҳои 7—9) адабиёти динӣ инкишоф меёбад. Дар назм Андреи Крити, Фёдор Студит ва намояндаи равияи кӯҳнапарастӣ Иоанни Димишқӣ, дар агиография — Никита (Давиди Пафлагонӣ), дар воқеанигорӣ Георгий Амартол саҳм гузоштаанд. Асарҳои Амартол, ки ба забонҳои славянӣ тарҷума шуда буданд, ба қатори асарҳои машҳури Руси Қадим дохил шудаанд. Дар сари ҷараёни пешқадами адабиёт олими намоёни а. 9 асқофи бузург Яҳьёи Нахвӣ (Иоанн Грамматик) ва митрон (митрополит) Игнатий, ки масалҳои Эзопу як қатор қонунҳоро аз ҷиҳати бадеи аз нав таҳрир кардааст, меистанд. Дар асарҳои Георгий Писида, Игнатий ва Касия (мутриба ва шоираи машҳур) дар қатори мавзӯъҳои дуньявӣ мавзӯъҳои диниӣ низ акс ёфтаанд. Ҷои эпиграмма ва эҳфразаи манзум (тасвири ёдгориҳо)-ро, ки дар а. 6 системаи атиқии образҳоро (Агафии Мириней, Павел Силенциарий) нигоҳ медоштанд, гномаҳои пандомез гирифтанд. Гномаҳои Касий ва эпиграммаҳои Фёдор Студит, ки ба мавзӯи ҳаётӣ дайру сӯмиаҳо бахшида шудаанд, тезутунд ва ҳаётианд. Дар давраи 3-юм (а-ҳои 9—12) дар адабиёти В. хусусияти адабиёти то давраи Эҳьё, яъне таваччӯҳ ба мураккабии характери инсон, ҷаҳонбинии субъективӣ, муносибати мусбат ба атиқа ба назар мерасад. Назми дуньявӣ минбаъд тараққӣ карда (Христофори Митиленӣ, Фёдор Продром), эпоси қаҳрамонӣ («Дигенис Акрит») ва романи ишқӣ, ки дар он гояҳои насронӣ ба таври рамзӣ ифода меёбанд (Макремволит), ба вуҷуд меоянд. Ба ҷои воқеанигории анъанавӣ асарҳое пайдо шуданд, ки хусусияти ёддоштӣ доштанд (Михаил Пселл) ё ба обзори танқидии таъриҳи умумиҷаҳонӣ бахшида шуда буданд (Иоанн Зонар). Адабиёти танқидӣ («Фимапатрис») ва «Тимарион»-и маҷҳулмуаллиф) аҳамияти калон пайдо кард. Дар а-ҳои 11—12 дар байни адабиёти Руси Киев ва В. робита пайдо мешавад, ба забони русии қадим воқеаномаҳои Иоанн Малола ва Георгий Амартол, «Дигенис Акрит» ва г. тарҷума шудаанд. Дар а-ҳои 13—15 равияи давраи пеш аз Эҳьё хеле қувват гирифт. Эҷодиёти халқии ин давра нисбатан бой аст. Аз ёдгориҳои фольклор «Сурудҳои ишқии Родос» ҷои намоёнро ишғол мекунад. Дар арафаи инқирози империя дар адабиёт оҳангҳои фоциавӣ пайдо мешаванд (нависандагони гуманист Гемист, Георгий Плифон). Дар асари маҷҳулмуаллиф «Зиндагии Мазарио дар он дуньё» ҷамъияти рӯ ба инқироз ниҳодаи империяи В. ҳаҷв карда шудааст. Асарҳои халқии а. 14 «Ҳикоят дар бораи чорпоён», «Ҳикоят дар бораи паррандаҳо» ва г. ҳаҷвӣ буда, нобаробарии синфиро фош ва ҳаҷв намудаанд. Дини насронӣ театрро бо ҳар гуна баҳонаҳо танқид мекард. Аз ҳамин сабаб ин намуди санъат дар В. инкишоф наёфта буд. Маросимҳои динӣ ба намуди асосии амалиёти драматикӣ табдил ёфта, ба инкишофи назми динӣ сабаб мешуданд. Асарҳои бехтарини адабиёти В. ба адабиёти булгор, Руси Қадим, серб, гурҷи ва арман таъсири калон расонидаанд. Дар байни адабиёти В. ва адабиёти форс-тоҷик низ баъзе умумиятҳо мушоҳида мешаванд. Ин умумият дар инкишофи равияҳои дидактикӣ, рамзу тамсил (асарҳои манзуму мансур дар бораи ҳайвонот ва наботот), воқеанигорӣ (таъриҳнависӣ) ва г. ба назар мерасад, ки ин аз робитаи ҳар ду адабиёт шаҳодат медиҳад. Мас., асари оламшумули «Китоби Синдбод» («Синдбоднома»), ки яке аз қадимтарин таълифоти дидактикии адабиёти форс-тоҷик аст, маҳз аз ҳоки В. сайри ҷаҳонӣ кардааст. Дар а. 8 ин китоб аз забони паҳлавӣ ба араби ва дар а. 9 аз араби ба суриёнӣ тарҷума шуд. Дар а. 11 матни суриёнии асар ба забони юнонӣ тарҷума шуд, ки он ба ин восита дар тамоми Европа паҳн

Калисои ерони Исо дар Салоники

Хонақоҳи Дафния, а. 11.

гардид. Баъдҳо «Китоби Синдбод»-ро Андреопулуси Мелитенӣ бори дигар ба забони юнонӣ тарҷума кард.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Санъати В. марҳилаи муҳими инкишофи маданияти асримиёнагии Шарқу Европа ба шумор меравад ва дар заминаи маданияти давраи охирини атиқа (а-ҳои 4—5) ба вуҷуд омада, дар аҳди Юстиниани I ташаккул ёфтааст. Авҷи тараққиёти санъати меъмории В. ба а. 6 рост меояд. Дар ин давра истеҳкомҳои сершумор, қасру ибодатхонаҳои зиёд бунёд мегарданд. Дар меъмории динӣ тарзи нави сохтани ибодатхонаҳои насроний — базилика ва биноҳои гунбаддор ба вуҷуд меояд. Барои ба ҳам пайвастани ин ду шакли меъморӣ кӯшишҳо карда, базиликаҳои гунбаддор низ сохта шудаанд (калисои ҳазрати София дар Константинополь, с-ҳои 532—537, меъморон Анфими Тралли ва Исидори Милетӣ). Дар миёнаи а-ҳои 9—12 (давраи гул-гулшукуфии меъморӣ ва санъати В.) тарзи маъбадсозии гунбади салибдор ба ҳукми анъана медарояд (калисои Биби-Марьям дар Салоники, 1028), ки он шакли мукаммали меъмории В. ба шумор меравад. Деворҳои беруни чунин ибодатхонаҳо бо нақшу нигор оро дода мешуданд. Дар маъбадҳои минбаъда тарзи иморатсозии гунбаддор оҳиста-оҳиста аз байн рафта, ҷои онро меъмории мамлакатҳои славянӣ мегирад, ки он бар ороиши зоҳирии ибодатхона асос меёфт. Аз намунаҳои меъмории ин давра девори Феодосияи II ва акведуки Валент дар Константинополь (а. 4), биноҳои истиқомати дар Сурия боқӣ мондаанд. Ҳанӯз дар а. 6 дар В. пиноҳои шаҳрсозии асримиёнагӣ пайдо мешаванд. Аз а-ҳои 8—15 қасрҳои ш. Мистра (наздикии Спарта), қасри Теодорих дар Равенна ва ғайра боқӣ мондаанд. Ёдгориҳои ҳайкалтарошии В. кам буда, ба давраи ибтидоии санъати он таллуқ доранд. Дар а-ҳои 7—8 рассомӣ ҷои ҳайкалтароширо мегирад. Калисоҳо пеш аз ҳама бо рамзу аломатҳои маҳҳаби насроний ва нақшу нигори назаррабо оро дода мешуданд. Девор, шифт ва гунбади калисоҳоро саросар хотамкориву нақшу нигор фаро гирифта буд. Дар хотамкорӣ ва нақшунигори а. 6 мавзӯъҳои диниву ситоиши дарбориён ҳукмфармо буд (калисои Сан-Витале дар Равенна, такр. с. 547). Дар хотамкории а-ҳои 7—9 анъанаи ҳоси атиқа — тасвири нафосати тани инсон, ишқи зиндагӣ ва зебоии инъикос меёбад (калисои Успений дар Никея, а. 7). Дар а. 10 нақшу нигор ва ороишоти қисмати дарунии маъбадҳо кори муқаддас шуморида мешуд (дайри Дафнии наздикии Афина, а. 11. Калисои ҳазрати София дар Константинополь, а. 12). Дар намунаҳои санъати а. 14 чустучуи нави реалистона падид меояд (калисои ёрони Исо дар Салоники, с-ҳои 1312—15; Қаҳриёи Ҷомеъ дар Константинополь, 1310) ва дар а. 15 ҷои онро навчуиҳои санъати ороиши мегирад (дайри Мистра, наздикии Спарта). Санъати рассомии В. дар шакли иконакашӣ вуҷуд дошт, ки ин услуб дар зери таъсири нақшу нигори бошукӯҳ ташаккул ёфтааст. Баъди каме боло рафтани санъат ва мубоҳисаҳои сиёсиро дар худ таҷассум карда тавонистани он («Китоби Забури Ҳлудов», а. 9, Музеи таърихии Москва), инчунин пайдо шудани шавқу рағбат ба намунаҳои атиқа («Китоби Забури Париж», а. 10, Китобхонаи миллии Париж) дар минётюр услуби заргарии ороиш пахш мешавад. Санъати рассомии В. идеяҳои ҳудро тавассути образи инсон ифода намуда, сифатҳои хос ва ҳолату вазъияти ҳаро мекушояд. Бинобар он ҳам санъати В. нисбат ба диг. санъатҳои оламшумули асрҳои миёна бештар дунявию инсонпарварона буд.

Калисои ҳазрати София дар Константинополь, с-ҳои 532—537.

Мусиқӣ. Мусиқии В. унсурҳои санъати сурудхонии суриёнӣ (а. 4), арабӣ (а. 8) ва славяниро дарбар мегирад. Якҷоя шудани ҳукми диниу давлат дар шахси император боиси ҳеле наздик шудани мусиқии дунявӣ ва дини гардид. Мусиқии динии В. соф вокали ва яковоза буд. Аз а. 4 сар карда, сурудхонии калисой ба сурудҳои манзуми фолклори бадеҳасарой наздик мешавад. Баъдтар онҳо ба гимн табдил меёбанд. Махсусан аккламация — мадҳу ситоиш, табрику тахниятҳои ҳитобӣ, инчунин аккламацияи марасимҳои идона, ки як қисми онҳои дарборӣ ҳисоб мешуд, пеш меравад. Дар ҷамъомадҳо гимнҳо ба забони суриёнӣ иҷро карда мешуд. Устоди гимнсаро Ефрем Сириё (а. 4) ва махсусан шоиру оҳангсоз Романи Ҳушгуфтор (а. 6) шӯҳрати калон доштанд. Мусиқии В. то а. 9 ба санъати мусиқии аксари мамлакатҳои Европа таъсири калон расонида бошад ҳам, баъди он ру ба таназзул ниҳод. Нашъунамои минбаъдаи санъати мусиқии В. дар а-ҳои 14—15 ба фаъолияти Иоанн Кукузел, ки услуби шеърҳои оҳангноки Романи Ҳушгуфторро аз нав зинда карда буд, вобастагӣ дорад. Истилоҳи туркҳо ба инкишофи санъати мусиқии В. таъсири манфӣ расонд.

Ад.: Лазарев В. Н., История византийской живописи, ч. 1—2, М., 1947—48, Всеобщая история архитектуры, ч. 3, М.-Л., 1966; История Византии, ч. 1—3, М., 1967, Каждан А. П., Византийская культура (X—XII вв.), М., 1968; Памятники византийской литературы IV—IX вв., М., 1968.

ВИЗВИЗАКҲО (Carabidae), оилаи *гамбускҳо*. Дарозии баданашон аз 2 мм то 8 см. Кирминаи В. дароз, серҳаракат ва чилодор буда, ҷоғи калон дорад. В. ҳашарот ва ҳарҷуна маҷудоти бемӯҳра ва г.-ро меҳуранд. Баъзе ашон растаниро ҳурда (мас., Carabus staudingeri — нлг. расм), ба ғаллаю ҷаҷгалзор ва боғҳо зарар мерасонанд. Баъзе намудҳо аз авлодҳои Carabus, Calosoma ва г. ҳашароти зараррасони ғаллаю ҷаҷгалзор ва боғҳоро кир мекунанд. Такрибан 20 ҳаз. намуди В. дар тамоми дунёё (бештар дар мамлакатҳои иқлимашон мӯътадил, Европа ва Осиё) паҳн шудаанд. Дар СССР зиёда аз 2300 ва дар РСС Тоҷ. такрибан 1000 намуди В. (бештар аз авлоди Carabus) маълум аст.

Ад.: Крыжановский О. Л., Жуки-жужелицы рода Carabus Средней Азии, М.-Л., 1953.

М. Н. Нарзиқулов

ВИЗЕ Владимир Юльевич (5. 3. 1886, Царское Село, ҳоло ш. Пушкин — 19. 2. 1954, Ленинград), олими совети, тадқиқотчии Арктика, аъзои-корр. АФ СССР (1933), иштирокчии экспедицияҳои «Святой Фока» (1912—14), «Таймир» (1921—22), «Малыгин» (1924, 1928 ва 1931). Роҳбари илмии экспедицияҳои «Георгии Седов» (1930), «Сибиряков» (1932) ва «Литке» (1934). Корҳои илмиашро асосан ба таъсири процессҳои атмосферӣ ва шароити гидрологии ихбандии б-ҳои Арктика бахшидааст. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1946). Бо 2 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медалҳо мукофотонида шудааст. Ҷазираҳо дар

б. Кара, як пирьях ва як димоғаю бандаргоҳ дар ҷаз. Замини Нав ба номи В. гузошта шудаанд.

ВИЗЕ, ҷазира дар қисми шим. б. Кара. Масоҳ. 288 км², баландиаш то 22 м. Ҷазира аз регу гилҳои бахрӣ таркиб ёфта, бо растаниҳои тундраи арктикӣ пӯшидааст. В.-ро с. 1930 экспедицияи киштии «Георгий Седов» кашф карда, ба шарафи тадқиқотчии Арктика В. Ю. Визе номид, ки ӯ вучуд доштани ин ҷаз-ро ҳанӯз с. 1924 пешгӯй карда буд.

ВИКТОРИЯ, дар асотири Рими Қадим олиҳаи зафар, ки бо Никаи асотири Юнон айният дорад.

ВИКТОРИЯ (Victoria), Виктория-Ньянза, Укереве, кӯли ширинаби Африкаи Шарқӣ дар терр-ҳои Танзания, Кения ва Уганда. Дар баландии 1134 м аз с. б. воқеъ аст. Масоҳ. 68 ҳаз. км². Тӯлаш 320 км, бараш 275 км. Чуқуриаш ба ҳисоби миёна 40 м, ҷои чуқуртаринаш 80 м. Кӯл дар фурӯҳамидаи тектоникӣ ҷой гирифтааст. Соҳилҳояш ниҳоят ҳаҷу, ҳалиҳои зиёде дорад; калонтаринашон Кавирондо, Спика. Ҷаз-ҳояш бисьёр, калонтарини онҳо Укереве ва ҷаз-ҳои Сесе. Масоҳ. умумии ҷазирахо ҳариб 6 ҳаз. км². Кӯлро саванноҳо иҳота кардаанд. Ба В. дарьёҳои бисьёр мерезанд, серобтарини онҳо — д. Кагера (сароби Нил); аз кӯл д. Виктория Нил ҷорӣ мешавад. Зуд-зуд тӯфон рӯй медиҳад. Аз моҳи бой аст, дар соҳилҳо ва резишгоҳои дарьё тимсоҳ вомехӯрад. Киштигард. Аз наздикии соҳилҳои кӯл тиллою алмос истеҳсол мекунанд. Бандарҳои асосиаш: Энтеббе (Уганда), Мванза, Букоба (Танзания), Кисуму (Кения). В.-ро с. 1858 сайёҳи англис Ҷ. Спик кашф карда буд. Кӯл ба шарафи маликаи Англия В. номида шудааст.

ВИКТОРИЯ (Victoria), яке аз калонтарин шаршараҳои ҷаҳон дар Африкаи Ҷанубӣ, дар д. Замбези. Баландиаш 120 м, бараш 1800 м. Сарфи об дар ҳарфи сол хеле тағйир ёфта мешад ва ҳисоби миёнаи он ҳариб 1400 м³ сон. В.-ро ҳалқи маҳалли Мози оа тунья — «дуди ҷулдурӣ», инчунин Сечуо — «тиру камон» меномад. ГЭС и хурд дорад. В.-ро с. 1855 сайёҳи англис Д. Ливингстон кашф кардааст. Онро ба шарафи маликаи Англия В. номидаанд.

ВИЛЛЕМИТ (аз номи шоҳи Нидерланд Вильгельми I), минерал, формулаи химиявиаш Zn_2SiO_4 (ZnO 73%, SiO_2 27%). Дар системаи тригонали кристалл мебандад, кристаллҳояш призма ё суланшакл. Одатан дар шакли агрегатҳои донадор, шӯшамонанд ва г. вомехурад. Беранг, бури зардтоб, баъзан сурҳча метобад. Сахтиаш 5—6; зичиаш 3890—4180 кг/м³. Асосан дар зонаҳои оксидшавии конҳои сурб ва рух пайдо мешавад. Аз В. рух ҳосил мекунанд.

ВИЛОЯТ (ар. ولايت — ноҳия, мамлакат, кишвар), 1) сарзамини муайяне, ки аз тарафи волие (ҳокиме ё мире) идора мешуд; 2) воҳиди маъмурӣ-территориявӣ дар СССР ва як қатор мамлакатҳои хоричӣ.

ВИЛОЯТИ АВТОНОМИИ БАДАХШОНИ КӮҲӢ (ВАБК), дар ҷайати РСС Тоҷ. 2 янв. 1925 ташкил шудааст. ВАБК дар қисми шарқии республика ҷойгир буда, дар Шим. бо РСС Қирг., дар Ш. бо Республикаи Халқии Хитой, дар Ҷ. ва Ғ. бо Республикаи Афғонистон ҳамсарҳад аст. Масоҳ. 63,7 ҳаз. км² (44,5% терр. Тоҷикистон). Аҳол. 119 ҳаз. наф. (1 январи 1977). Марказаш — шаҳри Хоруғ. ВАБК ба 6 райони маъмурӣ тақсим мешавад: Ванҷ, Ишкошим, Мурғоб, Рӯшон, Шуғнон, Қалъаи Хумб.

Табиат. ВАБК дар ҳудуди Помир воқеъ аст. Помир на фақат дар Тоҷикистон, балки дар тамоми мамлакати мо баландтарин ноҳияи кӯҳист. Шароити табиии ВАБК як хел нест. Қисми ғарбӣ аз шарқии он фарқи куллӣ дорад. Сатҳи ғарбии вилоят ниҳоят ноҳамвор буда, ҳариб тамоми онро қ-кӯҳҳои зерин ишғол кардаанд: аз Шим. Ш. ба Ҷ. Ғ. Ванҷ (баландиаш 5584 м), Язгулом (баландиаш 6974 м, қ. Революция), Рӯшон (баландиаш 6080 м), Шуғнон (баландиаш 5705 м) ва аз Шим. ба Ҷ.: Академияи фанҳо (баландиаш 7495 м., қ. Коммунизм), Ишкошим ва г. тӯл кашидаанд. Бисьёр водиҳои ин сарзамин (Бартанг, Рӯшон, Шохдара ва г.) дар баландии 2000—3000 м аз с. б. воқеъ гаштаанд. Шарқи ВАБК биёбони фарохи баландкӯҳест, ки дар шим. аз нишебиҳои ҷанубии қ-кӯҳи Паси Олой сар шуда, то соҳилҳои д. Панҷ дар Ҷ. тӯл кашидааст. Помири Шарқи баъди Тибет баландтарин кӯҳсори дунёё буда, водӣ ва пастхамиҳояш (Аличур, Мурғоб, Ранғкӯл ва г.) аз с. б. аз 3500 то 4200 м баланд мебошанд. Онро аз Шим. қ-кӯҳи Паси Олой (баландиаш 7134 м, қ. Ленин), аз Ш. қ-кӯҳи Сарикӯл (баландиаш 5800 м) ва аз Ҷ. Ш. қ-кӯҳи Вахон иҳота намуда, дар маркази он қ-кӯҳи Музкӯл ва дар Ҷ. Ғ. қ-кӯҳҳои Аличури Шимолӣ ва Ҷанубӣ ҷой гирифтаанд. Дар ин вилоят конҳои бутӯри кӯҳӣ, абрақ, сурб, рух, қалъаги, симоб, нуқра, тилло, вольфрам, молибден ва диг. металлҳои камёфт, инчунин намак, асбест, талқ, ангишт, сангҳои қиматбаҳо (лаҷл, лоҷвард), яшм, хелҳои гуногуни мармар, хоросанг ва г. мавҷуданд. Чашмаҳои минерали бисьёр буда, дар байни онҳо Гармчашмаи шифобахш машҳур гардидааст.

Иклими қисми Ғарбии ВАБК континентии мӯътадил. Харор миёнаи янв. — 7,8° С, июль 22,2° С. Миқдори боришоти солона дар мавзеи пирьяхи Федченко — 1192 мм, дар Хоруғ — 263 мм, Ишкошим — 105 мм. Қисми шарқӣ хунук ва камбориш буда, зимистонаш сард ва дароз, тобистонаш кӯтоҳи салқин. Ҳарор. миёнаи янв. —19,6° С, июль 13° С (Мурғоб); миқдори боришоти солона дар Булункӯл — 86 мм, Мурғоб — 73 мм, Қарокӯл — 72 мм.

Помир кишвари пирьяхҳои азим, дарьёҳои пуртуғён ва кӯлҳои баландкӯҳ аст. Дар ин ҷо бештар аз ҳазор пирьяхи калону хурд ҳаст, ки масоҳати умумии онҳо зиёда аз 8041 км² мебошад. Калонтарин пирьяхҳо: Федченко (дарозиаш 77 км, масоҳ. 907 км²), Грум-Гржимайло (дарозиаш 36,7 км, масоҳ. 160 км²), Гармо (дарозиаш 27,5 км, масоҳ. 153,7 км²), Корженевский (дарозиаш 21 км, масоҳ. 89 км²), Ҷамъияти географӣ (дарозиаш 21,5, масоҳ. 82 км²) ва г. Аксари дарьёҳои Помир аз пирьяхҳо сар мешаванд. Д-ҳои асосии қисми ғарбӣ — Панҷ ва шохобҳояш Ғунд, Шохдара, Бартанг, Язгулом, Ванҷ; қисми шарқӣ — Мурғоб (дар болообаш Оқсу), Ғудара (дар болообаш Кокуйбелсу), Танимас, Аличур, Помир ва г. Зиёда аз ҳазор кӯл дорад. Калонтарин кӯлҳои баста: Қарокӯл, Шӯркӯл, Ранғкӯл ва г; кӯлҳои ҷорӣ: Сарез, Яшилкӯл, Зорқӯл. Дар ҳудуди вилоят вобаста ба баландӣ хок дигаргун шуда, бештар хокҳои хокистарӣ (дар баландии 1500—3500 м), баландкӯҳи марғзорӣ-биёбонӣ (3400—4500 м) ва г. мавҷуданд. Дар қисми ғарбӣ 1142 навъи растаниҳои дараҷаи олӣ муайян шудаанд. Дар водию дараҳои соҳили рости д. Панҷ дарахту буттаҳои мевадори ҳудрӯй: себ, зардолу, чормағз, олуболу, олуча, гелос, анҷир, мурӯд, ангур, анор, тут, бодом, зирк, дӯлона ва г.; аз дарахтони бемева бед, сафедор, чинор, ар-ар, заранг, иргай, фарк, шулаш ва г.; инчунин алафҳои гуногун мерӯянд. С. 1933 дар наздикии ш. Хоруғ баландтарин дар СССР *Боғи ботаникии Помир* буньёд гардид, ки кормандони он олами наботои кишвар ва вусъати боғдориро меомӯзанд. Дар шарқи ВАБК асосан растаниҳое мерӯянд, ки хоси биёбонҳои баландкӯҳанд: терескен, пуш, ғеша, яшон, шутурхор. Аз ҳайвонот дар Ғ. вилоят силовсин, ҷайра ва гуроҳ, дар Ш. гурм, гург, рӯбоҳ, суғур, қашқалдоқ, заргӯш, наҳчир, хирс, бабр дида мешавад. Аз паррандаҳо кабк, кабки ҳилол, бедона, кабӯтар, мурғоби, каргас, уқоб, бургут, шоҳин ва г. вомехурад. Кӯлу дарьёҳо аз гулмоҳӣ, ширмоҳӣ, осман ва лучмоҳӣ боянд.

Аҳолӣ. Аксарият тоҷикон (91,3%), инчунин киргизҳо, русҳо ва намояндагони халқҳои диг. зиндагӣ мекунанд. Аҳолӣ дар ҳудуди вилоят нобаробар ҷой гирифтааст. Аксари маҳалҳои аҳолинишин дар водиҳо ҷой гирифтаанд. Зичии аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар 1 км² 1,9 наф., дар Ш. вилоят 0,2 наф. Дар ВАБК шеваҳои

гуногун вуҷуд доранд. Забони умумии расмии мардуми ВАБК тоҷикӣ мебошад. Аммо аҳолии маҳалҳои ҷудогона ба забонҳои помирӣ — шуғнонӣ, язгуломӣ, ишкошимӣ, вахӣ ва ғ. низ гуфтугӯ мекунанд.

Маълумоти таърихӣ. А-ҳои 6—4 то м. дар ин ҷо қабилаҳои зироатпарвару чорводори сакоиҳо, дар а. 2 то м. тахориён ва диг. халқҳои Осиёи Миёна сокин буданд. Ин сарзамин дар давраҳои гуногун ба ҳайати давлати Ҳайтолиён (а. 5 м.), Хоқонии турк (аз а. 6), Сомониён (а-ҳои 9—10) дохил буд. Опро Ғуриён (а. 12), мугулҳо (а. 13), Темуриён (а-ҳои 15—16), Шайбониён (ох. а. 16) ва Аштархониён ба тасарруфи худ даровардaнд. Баъд ба зери таъсири аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд афтод. Аҳолӣ баробари зироат бо чорводорӣ, касбу ҳунарҳои диг. (қолинбофӣ, намадмолӣ ва ғ.) низ машғул буд. Мувофиқи нишондоди маъхазҳои таърихӣ нуқра, лоҷвард ва ёқут истихроҷ мешуд. Муносибатҳои патриархалии оилавӣ ҳукмрон буданд. С. 1883 қӯшунҳои Афғонистон ва Манчурия шартномаи с-ҳои 1872—73-и Англияю Россияро вайрон карда, ба хоки Помир даромаданд. Қӯшунҳои амири Афғонистон Абдурраҳмонхон қисми ғарбӣ ва қӯшунҳои Манчурия қисми шарқии Помирро ишғол намуданд. Дар ин кор ба онҳо мустамликахоҳони англис мадад карданд. Зулму истибдоди қӯшунҳои аҷнабӣ қаҳру ғазаби оммаи васеи аҳолиро ба амал овард. Аммо муқобилати халқ ҳар дафъа бераҳмона пахш карда мешуд. Аҳолии Помир, ба ҷуз муборизаи фаъолона, роҳи халосии худро боз дар ихтиёран ба Россия ҳамроҳ шудан медид. Бо ин мақсад с-ҳои 1883—84 намояндагони расмии Помир ба Туркистон, назди намояндагони Россия фиристода шуданд. Намояндагони дар Туркистон будаи Россия аз сабаби бо масъалаи навсозии кишвари Туркистон банд будан талаби аҳолии Помирро дар бораи ихтиёран ба Россия ҳамроҳ шудан рад намуданд. Аммо барои омӯхтани аҳволи халқҳои Помир ба ин ҷо якчанд шахсони расмӣ, аз ҷумла сайёҳи машҳур Б. Громбчевский фиристода шуд. Дар ҳуҷҷатҳои ҷамъовардаи онҳо гуфта мешуд, ки ба Помир, ғайр аз дастаҳои Абдурраҳмонхон ва Манчурия, ҷосусҳои гуногуни Англия тезтез рафтуомад доранд ва ин Туркистонро ба хатар мегузорад. Илова бар ин, аз сабаби бедодгарии қӯшунҳои аҷнабӣ ва зиёд шудани андозҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ ва истилогарон зуд-зуд задухӯрд ба амал омада, як қисми аҳолӣ ба ҳудуди Туркистон ва аморати Бухоро фирор мекунад. Аввали с-ҳои 80-ум масъалаи ба Россия ҳамроҳ шудани Помир дар Петербург мавриди муҳокиман махсус қарор гирифт ва дояр ба зарурати таҳти ҳимоя гирифтани Помир қарор қабул шуд. Ҳукуматдорони Туркистон, ки аз воқеаҳои ин ноҳия дар ташвиш буданд, аз аввали с-ҳои 90-уми а. 19 ба ин ҷо бо сардории полковник Ионов отрядҳои махсус фиристоданд. Аммо ҳар дафъа баъди баргаштани отряд қӯшунҳои Манчурия аз сари нав сарҳадро вайрон ва мавқеи худро мустаҳкам кардани мешуданд. Бо мақсади минбаъд пешгирӣ кардани ин кӯшишҳои истилогарони аҷнаби дар қисми Ш. Помир дар маҳалли Шоҷон барои муҳофизати сарҳад дастаҳои доимӣ гузошта шуданд. С. 1894 қисми Ғ. Помир аз қӯшунҳои Абдурраҳмонхон асосан озод гардид. Барои абадӣ хотима додани иддаои ғайриқонунӣ, ки қӯшунҳои аҷнабӣ ба ин сарзамин доштанд, с. 1895 байни Россия ва Англия шартномаи махсус ба имзо расид ва мувофиқи он бар хилофи манфиати аҳолии маҳаллӣ сарҳади байни ҳарду давлат аз Зорқӯл, қад-қади д. Панҷ муайян шуда, соҳили чап ба Афғонистон ва соҳили рост ба ихтиёри аморати Бухоро дода шуд. Ба ин васила аҳолии соҳили рост аз таҳдиди асорати мустамликадорони англис ва дастнишондаҳои онҳо начот ёфт. Рев. Каб. Соц. Октябрь халқи кӯҳистони Бадахшонро аз зулми ичтимоӣ ва миллӣ озод карда, ин сарзаминро дигаргун сохт. Охирҳои июни 1920 дар ин кишвар Ҳокимияти Советӣ пойдор гашт. Июни 1923 Бадахшони Кӯҳӣ, ҳамчун вилояти мустақил, ба РАСС Туркистон дохил шуда, то охири 1924 дар ҳайати он буд. Мувофиқи қарори КИМ СССР 2 яна. 1925 дар ҳайати РАСС Тоҷ. Вил. Автон. Бадахшони Кӯҳӣ барпо гардид. 12—16 нояб. 1925 дар Хоруг Съезди I-уми Советҳои ВАБК барпо гардида, комитети вил.-ро интихоб кард. Меҳнаткашони вилоят ба шарофати дигаргунсозиҳои социалистӣ, даврае капиталистиро аз сар нагузаронида, аз муносибатҳои патриархалию феодалӣ ба социализм гузаштанд. ВАБК барои муваффақиятҳои меҳнаткашон дар сохтмони хоҷагӣ ва маданӣ бо ордени Ленин (1967) ва ба муносибати 50-солагии ташкилёбии СССР бо ордени Дӯстии Халқҳо (1972) мукофотонида шудааст.

Хоҷаги. Дар иқтисодиёти вилоят х. қ. роли калон мебозад; қисми ғарбӣ бо парвариши зироат ва чорво, шарқӣ танҳо бо чорводорӣ машғул аст. Заминҳои киштбоб каманд, майдони умумии корам 16,9 ҳаз. га (1976). Чорводорӣ соҳаи асосии хоҷагии вилоят аст. То 1 янв. 1977 дар к-зу с-зҳо ва хоҷагиҳои давлати 64,2 ҳаз. сар гов, зиёда аз 340 ҳаз. сар гӯсфанду буз буд. С. 1976 вил. 25 совхоз дошт. Дар мамлакат ягона совхозь қутоспарварии «Булункӯл» дар р-ни Мурғоб воқеъ аст. Ғаллакорӣ ва кирмакдорӣ низ тараққӣ кардааст. Бо боғдорӣ, картошкаю сабзавот ва тамокукорӣ низ машғуланд.

Саноат тараққӣ карда, истеҳсоли он дар с. 1973 назар ба 1940 25 баробар афзуд. Гидроэнергетика (ГЭС-ҳои Хоруг, Қалъаи Хумб, Ванҷ, Оқсу ва ғ.), саноати сабук, хӯрокворӣ (з-дҳои нон, шир, гӯшт), масолеҳи бинокорӣ ва ғ. соҳаҳои муҳими саноати вилоятанд. Конҳои намаки ош (дар шарқи вилоят), захираҳои саноатии тилло, булӯри кӯҳӣ, сангҳои қиматбаҳо, абрақ, асбест ва ғ. ёфт шудаанд. Роҳҳои асосии мошингард: Хоруг — Ӯш (697 км) ва Душанбе — Хоруг (528 км). Дар байни шаҳрҳои Хоруг ва Душанбе алоқаи ҳавоии вуҷуд дорад.

Нигаҳдории тандурустӣ. С. 1976 дар ВАБК 20 беморхонаи дорои 1005 кат ва як қатор муассисаҳои дигари табобатӣ (поликлиникаи бачагона, амбулатория ва ғ.) мавҷуд буданд. 151 духтур ва 762 корманди дорои маълумоти миёнаи тиб ба мардум хизмат мерасонанд. Дар масофаи 40 км аз Хоруг шифохонаи Гармчашма кор мекунад.

Маориф ва маданият. Аҳолии ВАБК саросар босавод аст: соли таҳсили 1976/77 дар 268 мактаби маълумоти умумӣ 35,9 ҳаз. хонанда таҳсил мекард. Вилоят мактаби мусиқӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техники ва тиббӣ дорад. Дар Хоруг театри вилоятии мусиқию мазҳакавии ба номи Рудакӣ, хонаи эҷодиёти халқ, музеи кишваршиносӣ, Ин-ти биологияи Помири АФ РСС Тоҷ. кор мекунанд. С. 1976 дар вилоят 83 дастгоҳи кинонишондиҳи, 175 клуб, 152 китобхона мавҷуд буд. Газетаи вилоятии «Бадахшони Совети» аз с. 1931 чоп мешавад. Радиошунавонӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. Барои қабул намудани барномаҳои телевизионии Москва станцияи «Орбита» ба кор даромад (1977).

Меъмори ва санъати тасвирӣ. Дар ҳудуди ВАБК бақиёмондаи қалъаҳои даврае Кушониён (а. 1 м.) ва расмҳои рӯи санг ёфт шудаанд, аз қабристонҳои қадим асбобҳои биринҷӣ ва дастаи ханҷарҳои мусаввар (сари асп, оху), овезаю дастпона ва диг. чизҳо ба даст омадаанд. Хонаҳои мардуми Помири Ғарбӣ чоркунҷаи бетиреза ва бомашон ҳамвор буда, аз санг ва хишти хом сохта мешуданд, дар дохили бино ва пешайвон ҳар хел суратҳо кашида, дару сутунҳо кандакорӣ мешуданд. Манзилгоҳи киргизҳои Помири Шарқи аз хонаҳои сиёҳ (юрт)-и мудаввари намадин иборат буд. Ҳоло дар ҳама ҷо хонаҳои истиқоматии 1—2 ошёнаи сангин сохта мешаванд; санъати ороиш ва амалии тоҷикони ВАБК аз кандакорӣ (чӯзҳои бино, ҷаҳвора, ҳар хел қуттиҳо, гулдӯзӣ ва ғ.) иборат аст. Махсусан, ҷуробҳои сернақшу нигори помирӣ, ки аз пашми маҳин дасти ва саноати бофта мешаванд, хеле машҳуранд.

Харитаро ниг. дар саҳ. 320—321.

Тасвирро ниг. дар саҳ. 624—625.

Ад.: История таджикского народа, т. 2—3. М., 1964—65; Агаханянц О. Е., Основные проблемы физической географии Памира, ч. 1—2. Д., 1965—66; Таджикистан. М., 1968 (серия «Советский Союз»); Искандаров Б. И., Из истории дореволюционного Таджикистана. Д., 1974; Клеандров И. М., Экономика Советского Горного Бадахшана. Д., 1974. *К. Чўраев, Б. Искандаров.*

ВИЛОЯТИ АВТОНОМИИ ЯҲУДИЁН, дар ҳайати кишв. Хабаровскии РСФСР. 7 май 1934 ташкил шудааст. Дар Ч. бо Хитой ҳамсарҳад мебошад. Масоҳ. 36 ҳаз. км². Аҳол. 195 ҳаз. наф. (1977). 5 районӣ, 2 шаҳр, 12 пгш дорад. Марказаш — Бирабичон. Вил. бо ордени Ленин (1967) ва бо ордени Дўстии Халқҳо (1972) мукофотонида шудааст.

Табиат. Вил. қад-қади д. Амур ҷой гирифта, тақрибан ба ду қисми баробар: шим. ғарбии кўҳсор ва ҷан. шарқии пастҳами тақсим мешавад. Қисми шим. ғарбиро к-кўҳҳои Хингани Хурд, Сутар, Шуки-Поктой ва Помпеевск (баландиаш 600—700 м) ишғол кардаанд. Дар шим. шоҳаи к-кўҳи Бурея (баландиаш 800—1000 м); дар Ч. ва Ҷ. Ш. пастии ботлоқзори Амури Миена (40—150 м) воқеъ аст. Иқлимаш — муссони. Зимистонаш хунуку камбарф. Ҳарор. янв. аз —21° С то —26,5° С, июль 18—21° С. Боришоти солона дар кўҳсор 750—800 мм, дар ҳамвориҳо 500—700 мм; зиеда аз 80% бориш ба июль—авг. рост меояд. Д. асосии Амур бо шохобҳояш Бира, Бичон ва Тунгуска. 36% ҳоки вилоятро (асосан қисми кўҳиашро) беша пушондааст. Дарахтони ҳоҷ, ладен, булут, ҷалғуза, тус, липа ва г. меруяд. Олами ҳайвонот хеле ғуногун: аз мунинадорҳо сӣчоб, самур, еноти сагмонанд, сагоби ва г., аз сумдорҳо шохгавазн, гурӯҳ, оҳу вомехурад. Аз моҳиҳо шуртан, лаққамоҳи, заҳрамоҳи, амур, ҳулмоҳи ва г. бисёр аст. Дар болооби Бира ва Бичон моҳии кета тухм мегузорад.

Аҳолӣ. Дар вил. асосан русҳо, яҳудиён ва украинҳо зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 5,1 нафар (1977). Қад-қади р. о. Транссибирь ва д. Амур аҳолӣ зичтар ҷой гирифтааст.

Хоҷагӣ. Вил. 9% маҳсулоти саноатии кишв. Хабаровскро медиҳад. Мошинҳои х. к., трансформаторҳо, цемент, оҳак, ҳаҷмҳои истеҳсол мекунанд. Саноати чўб, тахта, аз ҷумла, мебель, саноати пойафзол, маснуоти трикотажӣ ва г. мавҷуд аст. В. А. Я. Хабаровск ва қисман районҳо марказию шимолии кишварро бо сабзавоту картошка ва гушту шир таъмин мекунад. Зироатҳои асосии х. к. — лубиёи чинӣ, ҷаҷ, ҳандум, сулӣ, ҷав, картошка. Гов., бузу гусфанд ва хук парвариш карда мешавад. 2 з-ди парвариши моҳии кета аз ҳоҷагии моҳипарвари мавҷуд аст. Р. о. Транссибирь дар кишвар роҳи ҳалқаи мебошад. Амур ва баъзе шохобҳояш кишти гардаанд. Ҳаҷми умумии р. о. 529 км

(1970); тўли роҳҳои обӣ қариб 500 км, роҳҳои мошингард 1110 км мебошад.

Маданият. Соли таҳсили 1976/77 дар мактабҳои таълими умумӣ 32,4 ҳаз. ва миёнаи махсус 5,6 ҳаз. наф. ҳонанда таҳсил мекард. Вилоят 113 китобхона, 120 клуб, 4 театри халқӣ, 2 музей, 160 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ, 7 мактаби мусиқӣ, мактаби рассомӣ, киностудияи бачагона дорад. Газетаҳои вилоятии «Бирабиҷанер штерн» («Ситораи Бирабичон», аз с. 1930) ба забони яҳудӣ, «Биробиджанская звезда» (аз с. 1930) ба забони русӣ чоп мешаванд. Радиои вилоят бо ду барнома ба забонҳои яҳудӣ ва русӣ хабарҳо мешунавонад; барномаҳои телевизион ва радиои Хабаровск ва Москва низ намоиш дода ва шунавонида мешаванд.

Ад.: Дальний Восток, М., 1966; Еврейская автономная область, Хабаровск, 1959; Южная часть Дальнего Востока, М., 1969.

ВИЛОЯТИ АВТОНОМӢ, дар Иттифоқи Совети воҳиди маъмурию территорияви, ки хусусиятҳои миллӣ, маиши ва маъмурию сиёсии хос дошта, бевосита ба таркиби республикаи иттифоқи ё кишвар дохил мегардад. Дар СССР умуман 8 В. а. ҳаст, ки яке аз онҳо Вил. Автон. Бадахшони Кўҳи (ВАБК) мебошад ва ба ҳайати РСС Тоҷ. дохил мешавад. Асосҳои умумӣ ва мавқеи ҳуқуқии В. а. дар конституцияи республикаҳои иттифоқи муайян шудааст (ниг. боби 8 Конституцияи РСС Тоҷ.). Дар Конституцияи РСС Тоҷ. тартиби интихоби органҳои ҳокимияти ВАБК, норма вакилон, ҳуқуқу ўҳдадорӣ, шакли органҳои идоракунандаи давлати ва муносибати онҳо бо диг. органҳои давлати акс ёфта, қарору амрҳои он ба забонҳои тоҷикӣ ва киргизӣ бароварда мешавад. ВАБК дар органҳои ҳокимияти давлатии СССР ва республикаи иттифоқи намояндаи дорад. Аз В. а. ба ҳайати Совети Миллатҳои Совети Олии СССР 5 депутат интихоб мешавад. Ба Совети Олии Республикаи Иттифоқӣ аз В. а. вобаста ба шумораи аҳолӣ вакилон интихоб мегардаанд. В. а. оид ба сохти территорияви худ ҳуқуқҳои махсус дорад: ҳудуди районҳо ва таксимоти дохилии онҳоро, ки бо пешниҳоди В. а. Президиуми Совети Олии республикаи иттифоқӣ тасдиқ менамояд, муайян мекунад. Территорияи Вилояти автономиро бе ризоғии худи В. а. тағйир додан мумкин нест. Совети депутатҳои халқии ВАБК Низомномаи вил. автономиро, ки хусусиятҳои миллии вилоятро ба назар мегирад, ба тасдиқи Совети Олии РСС Тоҷ. пешниҳод мекунад. (Мод. 79 Конституцияи РСС Тоҷ.).

ВИЛОЯТИ ПАПА, давлате, ки с-ҳои 756—1870 дар Италияи Марказӣ вуҷуд дошт (пойтахташ Рим.). Сардори он папа ҳокими мутлақ буд. С. 756 аз заминҳои лангобардҳо, ки шоҳи франкҳо Пипини Пакана забт намуда, ба дарбори папа тўҳфа карда буд, ташкил ёфт. А-ҳои 16—18 дар В. п. мутлақият пойдор гардид. С. 1809 ба ҳайати Франция дохил шуд. Конгресси Вена с-ҳои 1814—15 В. п.-ро барқарор намуд. Дар давраи Рев. 1848—49 В. п. Республикаи Рим эълон шуд. С. 1849 бо ёрии қувваҳои муттаҳидаи контрреволюцияи Европа Республикаи Рим барҳам дода шуд. Дар натиҷаи шўришҳое, ки дар роҳи озодӣ ва муттаҳидии Италия барпо шуда буданд, қисми калони В. п. с. 1860 ба ҳайати подшоҳии Сардиния дохил гардид. С. 1870 Рим ва тобеияти папа озод шуда, 1871 пойтахти Италияи муттаҳида эълон гардид. Аз ин вақт В. п. барҳам хўрд. Мувофиқи Аҳдномаи Латерран с. 1929 ҳокимияти папа дар қисми хурди Рим — дар ҳудуди Ватикан барқарор гардид.

ВИЛТ (англ. wilt — пажмурда шудан), пажмурдашавии растанӣ. Аксар вақт касалии трахеомикозро, ки занбўруғҳои дарахтӣ паст Verticillium dahliae (В.-и вертициллиози) ва Fusarium oxysporum (В.-и фузариозӣ) ба вуҷуд меоранд, В. меноманд. В.-и вертициллиози ба зиёда аз 350 намуди растаниҳои дупаллаги сироят мекунад. Аз В. махсусан пахта, қисман анҷибар, куҷҷит, канаб, заҳир, помидор, боимҷон, карам, лаблабу, картошка, харбуза, тарбуз, шафтолу, зардолу, себ, гелос ва г. зарар мебиранд. Барангезандаи В. дар хок инкишоф ёфта, ба воситаи реша ба узвҳои растанӣ мегузарад ва дар системаи обгузар—ксилема паҳн шуда, баргу пояи растаниро пажмурда мекунад. Растании осебдида аксар тамоман ва баъзан қисман хушк мешавад. В. ба воситаи хок, бо ҳимондаҳои растанӣ, тухми, кучат ва об (В.-и фузариози) паҳн мешавад. Растании касал ҳосил намедиҳад ё сифати ҳосилаш паст мешавад. В. ба х. к. зарари калони иқтисоди мерасонад.

Усулҳои мубориза: интихоби навъҳои ба В. устувор; аз барангезандаҳои В. тоза кардани хок ба роҳи чори намудани омилҳои кишт, гардон ва коркарди хок; андохтани нурҳои органикие, ки инкишофи микробҳои саприфити ва занбўруғ

Дарьёи Ғунд дар ш. Хоруг.

Меҳмонхонаи «Дӯстӣ» дар ш. Хо

[illegible] колхоз «Будённый» в р. Мургоб.

Бозгу ботаникии Академиии фанхои РС
дар Помир

антагонистҳои барангезандаи В.-ро фаъол мегардонад.

Ад.: Раҳматуллоев У., Касалии вертициллиози пахта ва муборизаи зидди он, Д., 1975; Материалы Всесоюзного симпозиума по борьбе с вилтом хлопчатника, Ташкент, 1964; Мирпулатова Н. С., Биологическое обоснование агротехнических мер борьбы с вертициллиозным вилтом хлопчатника, Ташкент, 1973; Бенкен А. А. ва диг., Вилт хлопчатника, Л., 1974.

ВИЛЬНЕР Меир (тав. 23. 10. 1918, Вильно), арбоби ҳаракати коммунистӣ ва коргарии Исроил, таърихшинос. С. 1938 ба Фаластин омад ва дере нагузашта с. 1940 ба Партияи Коммунистии Фаластин (ПКФ) дохил шуд. С-ҳои 1943—48 аъзои Бюрои сиёсӣ ва котиби КМ ПКФ, 1948—65 аъзои Бюрои сиёсӣ ва котиби КМ Партияи Коммунистии Исроил (ПКИ), 1965—69 котиби Бюрои сиёсии КМ партия, аз 1969 котиби генералии КМ ПКИ. Аз с. 1949 депутати кнесет (парламент). Иштирокчии Съезди 25-уми КПСС (1976). Оид ба масъалаҳои ҳаракати коммунистӣ ва коргарӣ дар Исроил ва проблемаҳои ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Шарқи Наздик мақолаҳои бисьёр навиштааст.

ВИЛЬНЮС (Vilnius) собиқ Вильно, Вильна, шаҳр, пойтахти РСС Лит., дар соҳили д. Нярис (Вилия). Узели р. о. ва шоссе. Аэропорти калон дорад. Аҳол. 458 ҳаз. наф. (1977). Соҳаҳои асосии саноат: мошинсозию коркарди металл (асбобсозӣ, электротехникӣ, дастгоҳсозӣ, мошинҳои х. қ. ва ғ.), сабук (бофандагӣ, дӯзандагӣ, трикотаж, пойафзол), хӯрокворӣ (гӯшт, шир, қанноди, тамоку), чӯбгарӣ (мебель), масолеҳи бинокорӣ ва ғ. Дар В. АФ РСС Лит. (аз 1941), ун-т, ин-тҳои педагогӣ, инженерони қоҳтмонӣ, санъат, 9 ин-ти тадқиқоти илмӣ, консерватория, 144 китобхонаи оммавӣ, 5 театр, кинотеатрҳо, 7 музей (революция, таъриху этнография, бадеӣ ва ғ.) мавҷуданд. Осори меъмориӣ: Қалъаи Боло (а. 14), калисоҳои Микалоюс (а. 14), Оиос (а. 16), ансамбли ун-т (а-ҳои 16—19) ва ғ.

В. бори аввал дар солноми а. 12 зикр шудааст, аммо бунёдаш ба с. 1323 рост меояд (дар ҳамин сол князи Литва Гедиминас қароргоҳи худро аз пойтахти қадимаи Литва—Тракай ба В. кӯчонда буд). С. 1918 дар Литва Ҳокимияти Советӣ эълон шуд. Окт. 1920 В.-ро Польшаи панӣ ишғол кард. Сент. 1939 Армияи Советӣ В.-ро озод намуд. Аз июли 1940—пойтахти РСС Лит. Бо Укази Президиуми Совети Олии СССР 30 нояб. 1970 В. бо ордени Ленин мукофотонида шуд.

Вильнюс. Намуди шаҳр аз кӯҳи Гедиминас.

ВИЛЬЯМС Василий Робертович (9. 10. 1863, Москва — 11. 11. 1939, ҳамон ҷо), ҳокшиноси советӣ, аъзои ҳақиқии АФ РССБ (1929), акад. АФ СССР (1931) ва ВАСХНИЛ (1935). Аъзои КПСС аз с. 1928. Аз с. 1894 то охири умраш ба кафедраи ҳокшиносии Академияи х. қ. и Москва роҳбарӣ кардааст. С-ҳои 1922—25 ректори Академияи номбурда буд. Ӯ таълимоти В. В. Докучаевро дар бораи ҳокшиносӣ инкишоф дода, ҳамроҳи П. А. Костычев ба ҳокшиносии агрономӣ асос гузошт. В. роли ҳалкунандаи омилҳои биологиро дар пайдоиши ҳок асосноқ карда, таълимоти гардиши хурди биологии моддаҳоро ҳамчун асоси инкишофи ҳок ба вуҷуд овард. В. процесси ягонаи пайдоиши ҳокро маъҳидод карда, моҳияти онро дар ташаккул, инкишоф ва ҳосилхезии он медид. Ӯ системаи кишоварзии алафро кор кардааст. В. чарабиниҳои агрономиро оид ба нигоҳдори ва баланд бардоштани ҳосилхезии ҳок асосноқ намудааст. В. депутати Совети Олии СССР (даъвати I), аъзои КИМ и Умумироссия (1928). Бо ордени Ленин ва 2 ордени диг. мукофотонида шудааст. С. 1968 ба номи В. медали тиллои таъсис ёфт, ки барои асарҳои барҷастаи илмӣ ва кашфиёти соҳаи х. қ. дода мешавад.

Ас.: Собр. соч., т. 1—12, М., 1948—53.

ВИЛЮЙ, дарьё дар РАСС Ёкут. ва кишв. Краснояри РСФСР. Шохоби кӯлонтарини чапи д. Лена. Тулаш 2650 км. Масоҳ. ҳавзааш 454000 км². Аз паҳнкӯҳи Сибири Миёна ва пастиии Ёкутистони Маркази ҷорӣ мешавад. Дар болооби ҳамвориҳоеро, ки ботлоқзор ва кулҳоиҳои бисьёранд, бурида мегузарад. Шохобҳои асосиаш: аз рост — Улахан-Вава, Чиркуо, Чона, Улахан Ботуобуя, Оччугуй Ботуобуя; аз чап — Ахтаранда, Марха ва Тюнг. Манбааш асосан барф. Сарфи миёнаи об дар назди пос. Чернышевский (ГЭС и Вилюйск) қариб 600 м³/сон., дар назди резиштоҳ 1700 м³/сон. Сарфи об дар вақти обхезии баҳорӣ дар ҷараёни миёнааш то ба 10 000—15 000 м³/сон мерасад. Окт.-апр. баста, май об мешавад. Аз резиштоҳаш то пос. Чернышевский 1170 км киштигард. Моҳиҳои таймень, ленок, тосмоҳи дорад. Бандарҳои калонаш: Вилюйск, Нюрба, Чернышевский. Дар ҳавзаи В. конҳои алмос, ангишт, газ, табиӣ, намаки ош вуҷуд доранд.

ВИНДИКАЦИЯ (лот. vindicatio, аз vindico—ҳимоя мекунам, ҳатиро баён мекунам, талаб мекунам), дар ҳуқуқи граждани, аз тарафи соҳибмулк талаб карда гирифтани молу мулке, ки касе диг. ғайриқонуни соҳиб шудааст (мод. 135 КГ РСС Тоҷ.). Ташкилотҳои даҳлдор метавонанд аз ҳар касе, ки молу мулки давлатию кооперативи ё ҷамъиятиро ғайриқонуни ба даст даровардааст, талаб карда гиранд (мод. 136 КГ РСС Тоҷ.). Ин шакли даъво дар ҳуқуқшиносии Рими Қадим пайдо шуда буд. Дар СССР мувофиқи мод. 28 асосҳои қонунгузории граждании СССР ва республикаҳои иттифоқи В. ба тартиб дароварда шудааст.

ВИНДХУК (Windhoek), шаҳр, марказ маъмурии Намибия, дар ҷаноби ғарбии Африка. Дар баландии 1600 м аз с. б. ҷойгиръ аст. Аҳол. 70 ҳаз. наф. (1975). Узели роҳҳои нақлиёт, р. о. В.-ро бо бандари Уолфиш Бей ва бандарҳои РАҶ мепайвандад. Марказ савдои пусти каракулӣ, Корҳонаҳои хурокворӣ ва дӯзандагӣ дорад.

Вильнюс. Соҳили д. Нярис.

ВИНЕР (Wiener) Норберт (26. 11. 1894, Колумбия, Миссури — 19. 3. 1964, Стокгольм), олими америкой. Дар 14-солагӣ математикаи олиро омӯхта, дар 18-солагӣ доктори фалсафаи Ун-ти Гарвард шуд. Аз с. 1932 проф. Ин-ти технологии Массачусет. Бо мантиқи математикӣ ва физикаи назарияви машгул шудааст. Чун математик бо асарҳои худ дар соҳаи назарияи потенциал, функцияи гармоникӣ, қатор ва табдилоти Фурье, теоремаҳои тауберӣ ва таҳлили гармоникии умумӣ шӯҳрат пайдо кард. Дар с-ҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939—45) вобаста ба ҳисоби баллистикӣ бо масъалаҳои шабакаи электрикӣ ва техникаи ҳисоббарор машгул шудааст. Каме дертар аз А. Н. Колмогоров, вале новобаста аз ӯ, В. назарияи интерполяция ва экстраполяцияи процессҳои тасодуфии стационариро инкишоф дод. С-ҳои 1945—47 дар Ин-ти кардиологияи Мехико кор карда, ба илме, ки процессҳои нигаҳдорӣ ва аз нав коркардабароии информация, идора ва назоратро фаро мегирад, асос гузошт. Ӯ ба ин илм *кибернетика* ном ниҳод. Ақоиди фалсафӣ ва социологии В. эклектикӣ (ниг. *Эклектика*) аст. Дар роҳи муҳофизати сулҳ фаъолона мубориза бурда, зидди ба мақсади ҷанг истифода бурдани комьёбиҳои илм баромад мекард.

Ас.: Я — математик, 2 изд., М., 1967; Кибернетика или управление и связь в животном и машине, 2 изд., М., 1968.

ВИНИЛАЦЕТАТ, эфири мураккаби кислотаи ацетат, $CH_3COOCH=CH_2$, моеи беранг; t ҷӯш 73° С, t гуд — 84° С, зичиаш 934 кг/м³ (20° С). В. ба осонӣ полимеризация шуда, *поливинилацетат* ҳосил мекунад, бо диг. мономерҳои винил сополимеризация мешавад. В.-ро дар натиҷаи бо ацетилен винилироннии кислотаи ацетат дар иштироки катализаторҳо ҳосил мекунанд: $CH\equiv CH + HOCOCH_3 \rightarrow CH_2=CH-OCOCH_3$. Полимер ва сополимерҳои В. дар истеҳсоли елим, лак, тахтачаҳои фарш, картаи патефон ва г. истифода мешаванд.

ВИНИЛХЛОРИД, $CH_2=CHCl$, газ беранг, бӯи хлороформро дорад; t ҷӯш — 13,8° С, t гуд.— 153,8° С, зичиаш 973 кг/м³ (дар — 15° С); омехтаи В. бо ҳаво (аз 4 то 22% ҳаҷм) тарканда аст. Дар саноат В.-ро дар натиҷаи гидрохлороннии ацетилен бо иштироки $HgCl_2$ ё дар натиҷаи дегидрохлороннии дихлорэтан ҳосил мекунанд:

$$CH\equiv CH + HCl \xrightarrow{150-160^\circ C} CH_2=CHCl$$

$$CH_2Cl-CH_2Cl \xrightarrow[-HCl]{50^\circ C,\ KOH,\ C_2H_5OH} CH_2=CHCl.$$

В. бо винилиденхлорид $CH_2=CCl_2$, винилацетат ва г. полимеризация ва сополимеризация мешавад. В.-ро барои истеҳсоли *поливинилхлорид* ва сополимерҳо бо диг. пайвастҳои винил дар соҳаҳои гуногуни саноат васеъ истифода мебаранд.

ВИНИПЛАСТ, ниг. *Поливинилхлорид*.

ВИННИПЕГ (Winnipeg), шаҳр дар ҷан. Канада. Маркази маъмурии музофоти Манитоба. Аҳол. 534 ҳаз. наф. (бо атрофаш, 1969). Маркази калони саноат. Узели р. о. ва шоссеи Трансканадӣ. Дар канори шаҳр аэропорт дорад. Чун бозори ғаллаи ҷаҳон машҳур аст. Саноати хӯрокворӣ (истеҳсоли гӯшту консерв, орд, шир, равган), дӯзандагӣ, мебель, полиграфия, химия, электротехникӣ; корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти нефть, коркарди металл, мошинсозӣ, масолеҳи биноҳорӣ мавҷуданд. Ун-т дорад. Шаҳр с. 1738 буньёд ёфта, 1873 номи В.-ро гирифт.

ВИННИЦА, шаҳр, маркази вил. Винницаи РССУ. Дар соҳили д. Буги Ҷанубӣ воқеъ аст. Узели р. о. Аҳол. 297 ҳаз. наф. (1977). Яке аз марказҳои калонтарини саноат ва маданияти Украина. Саноати хӯрокворӣ (равган, консервҳои меваю гӯшт), сабук (ф-каҳои пойафзол, дӯзандагӣ, трикотаж, атторӣ ва г.), химия (комб. химия), мошинсозӣ, коркарди металл ривоҷ ёфтааст. З-дҳои электротехникӣ, шарикоподшипник, хишт, маснуоти оҳану бетонӣ мавҷуданд. Ин-тҳои тиббӣ, педагогӣ, филиали ин-тҳои политехникӣ ва савдою иқтисодиёти Киев, техникумҳои нақлиёти р. о., политехникӣ, сохтмон, асбобҳои электронӣ ва г., омӯзишгоҳҳои мусиқӣ, тиббӣ, музейҳои кишваршинасӣ ва адабии хотираи М. М. Коцюбинский, театрҳои мусиқию драмавӣ, лӯхтак, филармония дорад. Дар наздикии В. музеи Н. И. Пирогов воқеъ гаштааст. В. бори нахуст дар маъхазҳои с. 1363 зикр шудааст.

ВИННИЦА, вилоят дар РССУ. 27 февр. 1932 ташкил шудааст. Дар ҷан. ғарби республика, дар болооби Буги Ҷанубӣ воқеъ аст. Масоҳ. 26,5 ҳаз. км². Аҳол. 2055 ҳаз. наф. (1977), асосан украинҳо (92%), инчунин русҳо ва г. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 77,5 наф. Вилоят 25 район, 10 шаҳр, 29 пгш дорад. Ш-ҳои калон: Жмеринка, Казатин, Могилёв-Подольский. Марказаш — ш. Винница.

Рельефаш — теппазор, бо водиҳои дарьёҳо ва ҷарихо бурида шудааст. Қисми ғиёдаш дар баландиҳои Волыну Подольск (то 362 м) ва наздиҳои Днепр (323 м) воқеъ аст. Сарватҳои зеризамини: гранит, каолин, торф ва г. Иқлимаш континентӣ мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв — 5,7° С, июль 18,8° С. Боришоти солона 500—550 мм. Д-ҳои калонаш: Буги Ҷанубӣ (бо шохобҳои Згар, Ров, Сельница, Дохна, Сивода, Десна ва диг.) ва Днестр (шохобҳояш Лядова, Немия, Мурафа ва г.). В. дар зонаи бешадашт воқеъ гаштааст. Хоки вил. асосан хокистарии сиёҳтоб. 12,6% терр. вилоятро беша ва бутталзор (зайлафун, фарк, булут, хубак) фаро гирифтааст. Аз ҳайвонот оху, гург, рӯбох, сапҷоб, заргӯш, дар соҳилҳои дарьё ва кӯлҳо шаҳора, сагобӣ, мурғобӣ, ҳоз вомехӯранд.

1 вил Кировоград 2 вил Черновцы

В. яке аз ноҳияҳои асосии лаблабукор ва саноати қанди СССР аст. 39 з-ди қанд (калонтаринашон дар р-нҳои Тульчин, Тывров ва Теплик) дорад. Аз соҳаҳои диг.— саноати хӯрокворӣ (орду ярма, спирту арақ, равган, гӯшт, меваю сабзавот) ва коркарди металл ривоҷ ёфта, мошинсозӣ (барои х. қ.), химия (дар Винница) дар тараққист. Истеҳсоли масолеҳи биноҳорӣ, каолин мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Асосии хоҷагии энергетикиаш ГРЭС-и Ладыжин. Фонди замини вилоят — 2336 ҳаз. га, аз он 2043,8 ҳаз. га барои кишти зироати х. қ. ҷудо карда шудааст. Зироати асосии техникӣ — лаблабуи қанд, инчунин офтобпараст, канаб, тамоку. Аз зироати ғалладона — ҷаҷдуми тирамохӣ, ҷуворимакка, ҷав, марҷумак кошта мешавад. Боғдорӣ ва мевапарварӣ ривоҷ ёфтааст. Барои гӯшту шир чорво мепарваранд. Тӯли р. о. 1253 км. Р. о. муҳим: Киев — Одесса, Киев—Львов. Узелҳои калони нақлиёт Винница, Казатин, Жмеринка. Д-ҳои Буги Ҷанубӣ ва Днестр — киштигард. Дар вилоят соли хониши 1974/75 1492 мактаби маълумоти умумӣ, 20 омӯзишгоҳи касбию техники, 20 мактаби миёнаи махсус буд. В. 2 мактаби олӣ (ин-тҳои тиббӣ, педагогӣ), 2 театр, 7 музей дорад. Газетаҳои вил. «Вінницька правда» ва «Комсомольске племья».

Ад.: Паламарчук М. М. Украинская ССР. М., 1970.

ВИНОГРАДОВ Александр Павлович (21. 8. 1895, Петербург — 16. 11. 1975, Москва), геохимики совети, акад. АФ СССР (1953; аъзо-корр. аз 1943), ноиб-президенти АФ СССР (1967), дуқарат Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1949, 1975). Шогирди *В. И. Вернадский*. Директори Ин-ти геохимия ва химияи таҳлили АФ СССР (аз 1947),

мудири кафедраи геохимияи Ун-ти давлатии Москва (аз 1953). Тадқиқоти В. соҳаҳои гуногуни илм — аз биохимия то космохимияро фаро мегирад. Ӯ дар ривоҷи маҷмӯи илмҳои доир ба Замин, истифодаи энергияи атом дар тараққиёти равияҳои нави радиохимия, химия ва технологияи моддаҳои тоза, элементҳои нодир саҳми бузург гузошт. Оид ба геохимияи Уқёнуси Олам, процессҳои пайдоиши маъдан дар қаъри Замин, геохимияи Моҳ, Зӯҳра ва Мирриҳ равияҳои навро инкишоф дод. Ба илм мафҳуми мавзеъҳои биогеохимияро дохил намуда, эндемияи биогеохимияи работоту ҳайвоноти ба он алоқамандро маънидод кард. Дар илми советӣ соҳаи нави геохимияи изотопҳоро ба вуҷуд оварда, таркиби изотопии элементҳои химиявиро дар муайян кардани синни ҷинсҳои кӯҳӣ ва пайдоиши конҳои зеризаминӣ истифода бурд. Аъзои якчанд академияи фанҳои хориҷӣ, депутати Совети Олии РСФСР (даъвати 3), лауреати Мукофоти ба номи В. И. Ленин (1934), се карат лауреати Мукофоти давлатии СССР ва Мукофоти ленинӣ. Бо 6 ордени Ленин, 2 ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат ва якчанд медалҳо, инчунин бо ордену медалҳои хориҷа мукофотонида шудааст.

Ас.: Геохимия редких и рассеянных химических элементов в почвах, М., 1957; Химическая эволюция Земли, М., 1959; О происхождении вещества земной коры, «Геохимия», 1961, № 1; Введение в геохимию океана, М., 1967.

Ад.: Александр Павлович Виноградов, М., 1965, (АН СССР. Материалы к библиографии ученых СССР. Серия химических наук, в. 35).

ВИНОГРАДОВ Виктор Владимирович (12. 1. 1895, Зарайск — 4. 10. 1969, Москва), забоншинос ва адабиётшиноси советӣ, проф. (1921), акад. АФ СССР (1946). Аъзои АФ Булгория, Венгрия, РДГ, Польша, Румыния, Франция, Дания, АФ Сербия, Югославия, доктори фахрии ун-тҳои Карлови Прага ва Сорбонни Париж. Ин-ти таъриху филология ва археологияи Петроградро (1917) хатм кардааст. Проф. ун-тҳои Ленинград (1920—29), Москва (1930—69), директори Ин-ти забоншиносии АФ СССР (1950—54) ва Ин-ти забони русии АФ СССР (1958—68), муҳаррири журнали «Масъалаҳои забоншиноси» (аз с. 1952). Ӯ доир ба грамматикаи русӣ: «Забони русӣ. Таълимоти грамматикӣ оид ба калима» (1947, лауреати Мукофоти давлатии СССР 1951), доир ба таъриҳи забони русӣ: «Очеркҳо оид ба таъриҳи забони адабии русӣ асрҳои XVII—XIX» (1934), инчунин дар бораи забон ва услуби нависандагони а-ҳои 19—20 рус асрҳои зиёде эҷод намудааст. Китобҳои «Дар бораи нутқи бадеӣ» (1930), «Дар бораи забони адабиёти бадеӣ» (1959), «Услубшиносӣ. Назарияи каломи бадеъ. Поэтика» (1963) ба масъалаҳои умдаи назарияи услубшиносӣ ва поэтика бахшида шудаанд. Дар тартиб додани «Луғати тафсирии забони русӣ» (зери таҳрири Д. Н. Ушаков, ҷ. 1—4, 1935—40) ва «Луғати забони Пушкин» (ҷ. 1—4, 1956—61) сарвари кардааст. Раиси комитети байналхалқии славяншиносон (1957) буд. Бо ордени Ленин, ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат ва медалҳо, инчунин медали тиллои Чехословакия «Барои хизматҳо дар назди инсоният» мукофотонида шудааст.

ВИНОГРАДОВ Владимир Никитич (24. 3. 1882, Елец — 29. 7. 1964, Москва), терапевти советӣ, акад. АИТ СССР (1944), Ходими Хизматнишондодаи Илми РСФСР (1940), Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1957). Фак-ти тиббии Ун-ти Москваро хатм намудааст (1907). Аз с. 1943 мудири кафедраи терапияи фак-ти Ин-ти тиббии 1-уми Москва. Корҳои асосиаш ба ташхиси бармаҳали саратон (рак), сили шуш ва гурда, патологияи ҳозима бахшида шудаанд. Дар СССР аввалин шуда дар шароити клиника бронхоскопия, гастроскопия, катетерпии дил, векторэлектрокардиографияро истифода бурд. Аз с. 1949 раиси Ҷамъияти умумиттифоқии терапевтҳо ва муҳаррири журн. «Терапевтический архив» буд. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1969, баъд аз вафоташ). Бо 5 ордени Ленин ва диг. ордену медалҳо мукофотонида шудааст.

ВИНОГРАДОВ Иван Матвеевич (тав. 14. 9. 1891, деҳаи Милолюб, ҳоло р-ни Великие Луки вил. Псков), математики советӣ, акад. АФ СССР (1929), ду карат Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1945, 1971). Аз 1932 директори Ин-ти математикаи АФ СССР ба номи В. А. Стеклов. Корҳои В. ба назарияи таҳлили ададҳо оиданд. Усули суммаҳои тригонометриро дар назарияи ададҳо ба вуҷуд овард ва дар асоси ин ҳалли проблемаҳои Варинг, Гильберт—Камке, Вейл ва Гольдбахро нишон дод. В. аъзои фахрии ҷамъияти подшоҳии Лондон (1942) ва бисьёр диг. муассисаҳои илмии ҷаҳон мебошад. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1972), Мукофоти давлатии СССР (1941). Бо 5 ордени Ленин, Медали тиллои ба номи М. В. Ломоносов (1971) ва диг. медалҳо мукофотонида шудааст.

Ас.: Избранные труды, М., 1952; Основы теории чисел, 7 изд., М., 1965.

ВИНОГРАДОВ Павел Гаврилович (30. 11. 1854, Кострома — 19. 12. 1925, Париж), муаррихи позитивисти рус, муҳаққиқи таъриҳи асрҳои миёнаи Европаи Ғарбӣ (махсусан Англия). Аъзои АФ Петербург (1914) ва як қатор академияҳои хориҷӣ. Аз с. 1884 проф. Ун-ти Москва. Аз с. 1902 дар Англия зиндагӣ кардааст, проф. Ун-ти Оксфорд (аз 1903). Баъди Рев. Каб. Соц. Октябрь табаи Англияро қабул кард. Дар «Тадқиқот оид ба таъриҳи иҷтимоии Англия дар асрҳои миёна» (1887) ва баъзе асарҳои дигари худ В. бар хилофи ақидаҳои мавҷуда, нишон дод, ки муносибатҳои иҷтимоиро дар Англияи ибтидои асрҳои миёна на ҳукмронии вотчинаҳои крепостной, балки ҳукмронии общинаҳои озод муайян мекард.

ВИНОГРАДСКИЙ Сергей Николаевич (13. 9. 1856, Киев — 24. 2. 1953, Париж), микробиологи рус, аъзокорр. АФ Петербург (1894). Аз с. 1923 аъзои фахрии АФ Россия, аъзои АФ Франция ва Ҷамъияти подшоҳии Лондон. Ун-ти Петербургро (1881) хатм кардааст. С-ҳои 1891—1912 дар Ин-ти тиббии таҷрибавӣ ва санитар (аз 1922 то охири умр) дар Ин-ти Пастер (Париж) кор кардааст. Ҳодисаи *хемосинтез*ро кашф намуда (1889), гурӯҳҳои асосии микроорганизмҳои хемосинтезиро, ки моддаҳои органикиро аз ҳисоби энергияи реакцияҳои химиявӣ синтез мекунанд, маълум кардааст. Дар с. 1893 В. бактерияи анаэробии Clostridium Pasteurianum, ки қобилияти аз худ кардани нитрогени молекулавии ҳаворо дорад, ҷудо кард. Ин ҳодисаро В. «нафаскашии минералӣ» ё аноргоксидацияи бактерияҳо номид. Бо сульфурбактерия оксидшавии гидрогенсульфид ва истифодаи энергияи ҳосилшуда барои аз худ кардани карбон аз кислотаи карбонат аз ҳамин қабил аст. В. дар асоси тадқиқоти худ назарияи томи микробиологияи ҳокро кор карда баромадааст.

Ас.: Об усвоении свободного азота атмосферы микробами, «Архив биологических наук», 1895, т. 3, № 4; Микробиология почвы. Проблемы и методы. Пятьдесят лет исследований, М., 1952.

Ад.: Русские микробиологи С. Н. Виноградский и В. Л. Омелянский, М., 1960.

ВИНТ (нем. Gewinde — рахнеч), детали рахнечдори силиндршакл ё баъзан конусшакли мошин ё худ детале, ки парраҳои винтшакл дорад. Ду гурӯҳи В.-ҳо маъмул аст: винтҳое, ки бо сӯроҳи рахнечдори детали дигар мутақобил таъсир мекунанд ва винтҳое, ки бевосита бо мудити беруна (кори) таъсири мутақобил доранд. Ба гурӯҳи якум В.-ҳои гаштдор ва қувваги механизмҳову таҳвиқ-ии

тӣ, В.-хои микрометрии афзорҳо, В.-хои насбӣ ва г; ба гурӯҳи дуюм В.-хое, ки бо таъсири ҷараёни газ ё моеъ ба харакат меоянд (мас., дар



муҳаррики шамолӣ), В.-ҳое, ки қувваи кашиш ҳосил мекунанд (мас., В.-и ҳавоӣ дар самолёт, В.-и шиповарӣ дар киштиҳо), В.-ҳое, ки барои омехтани газу моеот, омехтан ва интиколи материалҳои ғализ, пошхӯранда ва гуруша истифода мешаванд (дар вентилятор, насос, омехтакунак ва г.) мансуб мебошанд.

ВИОЛОНЧЕЛЬ (итал. Violoncello, сиғаи хурдӣ аз violone — контрабас), асбоби камончадори мусиқӣ аз навъи скрипкаҳои бас-тенор, 4 тори он ба квинта ҷӯр мешавад (до ва соли октаваи калон, реи октаваи хурд, ляи октаваи якум). Ҳамчун асбоби якка-навозӣ, ансамбли ва оркестрӣ истифода мешавад. В. дар охири а. 15—аввали а. 16 дар натиҷаи такомули асбобҳои камончадори халқӣ ба вуҷуд омад. Намунаҳои классикии В.-ро дар а.-ҳои 17—18 устоҳои италиявӣ — А. ва Н. Амати, Ҷ. Гварнери, А. Страдивари ва дар замони мо устоҳои совети Е. Ф. Витачек ва Т. Ф. Подгорный сохтаанд. Дар а.-ҳои 17—18 В. ба чои виола да гамба ном асбобе, ки дар доираҳои ашроф паҳн шуда буд, расм шуд. Бисёр бастакорони машҳури ҷаҳон барои В. концертҳо, сонатаҳо ва сюитаҳо навиштаанд. Мас., И. С. Бах, Л. Бетховен, Ф. Шопен, аз бастакорони рус П. И. Чайковский, А. К. Глазунов, аз бастакорони совети С. С. Прокофьев, Д. Д. Шостакович ва дигг. Виолончельнавозони барчастаи ҷаҳон — Л. Боккерини, Ж. Л. Дюпор, Б. Ромберг, Ф. Серве, П. Касальс, К. Ю. Давыдов, А. В. Верябинович, А. А. Брандуков ва дигг. мебошанд.

ВИР. деҳа, марказии С.-ҚВир. р-ни Шуравии ВАБК. Ба марказии райони 70 км. рох мефалӣ. Аҳол. 635 нафар (1976), тоҷикон. В. мактаби миёна, клуб, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, китобхона дорад. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ — ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Заминҳо аз д. Ғунд обёрӣ мешаванд.

ВИРГАЦИЯ (аз лот. virga—шоха), 1) дар тектоника, ба шохаҳо ҷудо шудани чинҳо ҷинсҳои кӯҳӣ дар ҷойҳои ба қаър фурӯравии системаи чинҳо. 2) Дар геоморфология, дар интиҳои худ шоха паҳн кардани қ.-кӯҳҳо ё баландиҳо (мас., дар Ғ. шоха паҳн кардани системаи к.-ҳои Ҳисору Олой, Тиёншон ва г.).

ВИРГИН (Virgin Islands), гурӯҳи ҷазираҳои хурд (тақр. 100 ҷаз.) дар Вест-Индия, ки асосан ба ШМА тааллуқ дошта, қисман мулки Британиёи Кабир аст. Масоҳ. умумии ҷазҳо 497 ҳаз. км². Аҳол. 70 ҳаз. нафар. (1970). Баъзе ҷаз-ҳо аз оҳаксанги эраҳои мезозою кайнозой, қисми дигарашон (Сент-Томас, Тортола) аз массивҳои кристаллӣ ва вулқонӣ иборат. Баландии ҷазираҳо то 543 м. Иқлими В. тропикии сернам. Миқдори миёнаи боришоти солона 1200 мм. Аҳолӣ бо парвариши пайшакар, сабзавот ва чорводорӣ машғул аст. Аз В. қанд, ром, маҳсулоти чорво экспорт мешавад. В.-ро с. 1494 Х. Колумб кашф кард.

ВИРИЛИЗМ (лот. virilis — мардона, мардмонанд), мардандомӣ, мардмонандии зан, дар занҳо пайдо шудани нишонаҳои хоси мардон (ришу мӯйлаб, сермӯйи бадан, овози ғафс, мушаку устухонҳои қавӣ, набудани ҳайз ва г.). В. дар натиҷаи серкории қишри ғадудҳои болои гурда ва гипофиз ва аз ин сабаб ба хун бисьёр дохил шудани гормонҳои андрогенӣ (тавлидкунандаи хислатҳои мардӣ) ба амал меояд.

Муолиҷа: бартараф намудани сабаби асосӣ.

ВИРТ (Wirth) Карл Йозеф (6. 9. 1879, Фрейбург — 3. 1. 1956, ҳамон ҷо), ходими сиёсӣ ва давлатии немис. Аз оилаи буржуазияи майда. Дар Фрейбург ун-тро хатм кард. Роҳбари қаноти чапи партияи католикии «Марказ», вакили рейхстаг (1914—18 ва 1920—33). Май 1921 — нояб. 1922 аввал рейхсканцлер, баъдтар рейхсканцлер ва вазири корҳои хориҷӣ буд. С. 1922 ҳукумати В. шартноманд советию германиро дар Рапалло имзо кард. С.-ҳои 1930—31 вазири корҳои дохили. С.-ҳои 1933—48 дар муҳоҷират буд. С. 1953 дар РФГ партияи Иттифоқи немисҳоро ташкил ва роҳбари кард, ки он барои ягонагӣ, сулҳ ва озоди мубориза мебурд. Бар зидди тақлиди милитаризм дар РФГ ва барои барқароркунии муносибатҳои дӯстона бо СССР баромад мекард. Аз с. 1952 аъзои Совети Умумичаҳонии Сулҳ. Лауреати Мукофоти байналхалкии ленинии «Барои мустаҳкам намудани сулҳи байни халқҳо» (1955).

ВИРУЛЕНТНОКӢ (лот. virulentus — заҳрнок), дараҷаи касалиангезии омили сироятқунанда (штамми микроб ё вирус). В. ҳам ба хосияти омили сироятқунанда ва ҳам ба ҳассосии организми сироятёбанда вобаста аст. В.-ро аз рӯи вазнинии касалие, ки микроб ё вирус ба вуҷуд овардааст, ҳангоми ба ҳайвон гузаронидани таҷриба аз рӯи воя (доза)-и марговарии омили сироятқунанда муайян мекунанд. В.-ро на фақат аз рӯи қобилияти ба организми ҳайвонӣ ҳассос дохилшавӣ, афзоишу паҳншавии микроорганизм, инчунин аз рӯи маҳсули фаъолияти ҳаётии микроб ё вирус (токсинҳо) низ муайян мекунанд. В. аломати намудии микроб ё вирус набуда, дар штаммҳои гуногун хеле зиёд тағйир ёфта метавонад. В.-ро барои ҳосил кардани вакцинаҳои зинда ба таври сунъӣ (мас., бо роҳи гарм кардан, нурборон, таъсири химиявӣ ва г.) низ тағйир медиҳанд. Бо ин мақсад омили сироятқунандаро як чанд маротиба аз дохили субстрати зинда (мас., вируси ҳайвонӣ девонаро аз майнаи харгӯш) мегузаронанд. Бо ин усул В.-и вирус нисбат ба одам сust мешавад. Чунин вирусро ба одам гузаронида, касалиҳои руҳиро муолиҷа кардан мумкин аст.

ВИРУСОЛОГИЯ (аз *вирусҳо* ва ...*логия*), вирусшиноси. Як фасли муҳимми *микробиология* ва *фитопатология*, ки баъди аз тарафи олими рус Д. И. Ивановский кашф шудани вируси доғи ниҳоли тамоку (1892) ба вуҷуд омадааст. С. 1898 ангезаи *оҳсия* ва 1901 ангезаи *зағфарма* маълум гардид. Дар а. 20 табиати вирусҳо ва этиологияи як қатор *беморихои* сироятии одамон, ҳайвонот ва растаниҳо бо истифодаи микроскопиии электронию люминесценти, ультрацентрифугирони, изотопҳои радиоактив, анализи рентгеноструктури пурра омӯхта шуд. В. вобаста ба мавзуи тадқиқот ба соҳаҳои мустақил: ба В.-и умуми, В.-и х.-қ. ва В.-и тиббӣ ҷудо шуд. В.-и умуми афзоиш, таснифу қонуниятҳо таҳаввул, тадқиқоти биологиию физиологии вирусҳо, ташхиси вирусологию серологии вирус, муолиҷаи *беморихои вирусӣ* ва г.-ро меомӯзад. В.-и х.-қ. касалиҳои виру-

Виргация.

сии ҳайвонот ва растаниро меомӯзад. Вай аз фаслҳои В.-и ветеринарӣ ва В.-и растанӣ иборат аст. В.-и тиббӣ *этиология*, хусусиятҳои пешгирии сироят, усулҳои тадқиқи вирус ва г.-ро меомӯзад. Оид ба В. дар Ин-ти вирусология, лабораторияи генетикаи вируси Ин-ти генетикаи АФ СССР, лабораторияи вирусологияи Ин-ти микробиологияи АФ СССР ва г. корҳои тадқиқотӣ бурда мешаванд.

Омӯзиши В. дар РСС Тоҷ. аз с. 1928 дар лабораторияи табларзаи геморрагӣ ва сирояти арбовирусии Ин-ти эпидемиология ва гигиенаи Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, Ин-ти давлатии тиббӣ ва Ин-ти зоология ва паразитологияи АФ РСС Тоҷ. давом дорад. Дар муддати фаъолияти муассисаҳои мазкур масъалаҳои мухталифи В.— хосияти инкишофи вируси гепатитӣ, гриппи эпидемӣ, ки ангезандаш вируси типи A_2 мебошад, роли энтеровирусҳо дар касалиҳои меъда, таъсири антибиотикҳо ва диг. намудҳои давоии онҳо нисбат ба вируси трахома ва г., инчунин усулҳои нави муайян намудани таъсири вируси полиомиелит муқаррар карда шуданд.

Ад.: Развитие биологии в СССР, М., 1967; Наука Советского Таджикистана, Д., 1974.

ВИРУСҲО (лот. virus — *заҳр*), мавҷудоти ультрамикроскопӣ, ки ангезонандаи касалиҳои сироятии растанӣ, ҳайвонот ва одам буда, дар дохили ҳуҷайра афзоиш мекунанд. Оид ба табиат ва пайдоиши В. ду ақида вуҷуд дорад. Мувофиқи ақидаи якум В. соддатарин мавҷудоти ғайриҳуҷайравӣ ё бактерияи бо паразитизм тағйирёфта, мувофиқи ақидаи дуюм В. молекулаи аз ҳуҷайраи нуклеопротеидӣ ҳосилшуда ва дар организм моддаи ба худашон монанд синтезкунанда мебошанд. В.-ро аввалин бор с. 1892 физиологи рус Д. И. Ивановский кашф кардааст. Ӯ доғи барги тамокуро омӯхта вуҷуд доштани хурдтарин ангезаи ин касалиро муқаррар намуд. Сонитар олимон ангезаи сумдард, тоуни ҳайвоноти шохдор, нагзаки паррандагон, ҳорӣ ва г.-ро муайян намуданд.

Аз ҷиҳати морфологӣ В. хатчашакл (В.-и доғи барги тамоку), ришташакл (В.-и фитопатогенӣ), курашакл (В.-и грипп ва г.), байзашакл (В.-и ҳорӣ) ва мураккаб мешаванд. Таркиби В.-ро кислотаи нуклеин ташкил мекунад, ки он бо пардаи сафедавӣ иҳота шудааст. Ин парда кислотаи нуклеинро аз таъсири омилҳои беруна нигоҳ дошта, воситаи ба ҳуҷайра дохил шудани В. мегардад. Пардаи баъзе В. полисахарид ва липид дорад. Цикли сироятангезии В. аз даврахои зерин иборат аст: 1) адсорбцияи В. ба ҳуҷайраи организми сироятёфтаанда; 2) ба ҳуҷайра дохил шудани В. (дар ин давра кислотаи нуклеин, сафеда ва диг. компонентҳо ҷудо шуда, ба нитоплазмаи ҳуҷайраи организми сироятбинанда дохил мешаванд); 3) ҳосил шудани компонентҳое, ки заррахои нави вирус тавлид мекунанд (такроран ҳосил шудани кислотаи нуклеини вирусӣ ва синтези сафедаи вирусӣ); 4) якҷоя шудани заррахои тайёршудаи насли вирус; 5) лизис (ҳал шудани деворан ҳуҷайра аз дарун бо ферментҳои махсуси вирусӣ) ва ба муҳити беруна баромадани насли вирус. Тавлиди заррахои вируси дар баъзе ҳолатҳо бо лизиси ҳуҷайра ба вуқуъ намеояд.

В. ангезандаи беморихои вирусии одаму ҳайвонот (*нагзах*, *тоун* ва г.) ва растани (доғзании гандум, лаблабуи қанд) мебошанд. Дар одам ва ҳайвонот барои аз сирояти В. ҳимоя намудани организм антиҷисми махсус ҳосил мешавад. Ба муқобили бештари намудҳои В. антибиотикҳо ҳосил карда шудаанд, ки бо онҳо беморихои вирусиро муолиҷа менамоянд. В. ба антибиотикҳо ё ба муҳити атроф бо интихоби табиӣ тақвият пайдо мекунанд. *Мутация* ҳосил кардан яке аз хосиятҳои асосии В. мебошад. В. дар табиат васеъ паҳн шудаанд. В.-ро ҳашароти маккандa, кана ва нематода ном синфи кирмҳои лӯнда паҳн мекунанд. В.-и одам ва ҳайвонотро бо вакцинагузарониӣ бар зидди вирус, тозагӣ, музироний ва диг. чорабиниҳо рафъ менамоянд. В.-и растаниро бо риоя намудани қоидаҳои агротехника, бо роҳҳои муборизаи зидди зараррасонҳо ва г. нест мекунанд.

Ад.: Молекулярные основы биологии вирусов, М., 1966, Эндрюс К., Естественная история вирусов, пер. с англ., М., 1969.

ВИРХОВ (Virchow) Рудольф (13. 10. 1821, Шифельбейн — 5. 9. 1902, Берлин), олими немис, асосгузори анатомияи патологии муосир, кошифи назарияи патологияи целлюляри (ҳуҷайравӣ). Факти тиббии Ин-ти Берлинро ҳатм кардааст (1843), аз с. 1856 проф. кафедраи анатомияи патологӣ, патологияи умумӣ ва терапияи ҳамон ин-т ва директори Ин-ти патологии буд. Назарияи сохти ҳуҷайравии организмро ба асос гирифта, ҳар гуна процесси патологиро маҷмӯи тағйироте шуморидааст, ки дар ҳуҷайра ба амал меояд. Бо тавсифи патологию анатомӣ патогенез (механизми инкишоф)-и чанд бемории одам ва як катор процессҳои умумибиологӣ (омосҳо, илтиҳоб ва г.)-ро шарҳ додаст. Тадқиқот ва назарияи патологияи целлюлярии В. дар таъриҳи тиб роли калон бозидааст. Дар барабари ин таълимоти В. камбудиҳо дошт (масс., аз ҳуҷайра тарқиб ёфтани организмро инкор кардани ӯ). Таълимоти ӯ яктарафа, лекин тамоман морфологӣ буд. В. бо масъалаҳои антропология, этнография ва археология ҳам машғул шудааст. В. асосгузори журнали «Вирховский архив» («Virchows Archiv») мебошад.

«ВИС ВА РОМИН» ویس و رامین достоне аз достонҳои адабиёти қадими форс-тоҷик, ки бо таҳрири манзуми *Фахруддини Гургонӣ* (а. 11) ба мо расидааст. Муҳаққиқон «В. ва Р.»-ро аз таълифоти давраи Ашкониён таҳмин кардаанд. Достони Гургонӣ, ки тақрибан 10 ҳазор байти дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуфро дарбар мегирад, ки байни с-ҳои 1042—54 назм шудааст. Шояд зимни таҳвири саҳнаҳои ишқи қаҳрамонҳо зиндагии аъёну ашроф замони ҳудро ба тариқи мазҳака намоиш додаст. «В. ва Р.»-и Гургонӣ дар а. 12 аз тарафи Саргис Тумгвели ба гурҷӣ тарҷума шудаст, ки бо унвони «Вирамиани» машҳур аст. Матни гурҷии достон ба англисӣ (1914) ва ба русӣ (1938) тарҷума ва нашр шуд. Аз асли достони Гургонӣ нусхаҳои дастнависи каме боқи мондааст. Матни достонро аввалин бор шарқшинос Нассаф-Лис (Калкатта, 1864—65) чоп карда буд. Баъдтар матни таҳқиқии онро адабиётшиноси эронӣ Мучтабо Минавӣ (Теҳрон, 1937) ба табъ расонд.

Нашр.: Фахруддини Гургонӣ, Вис ва Ромин (саҳеҳгаҳи А. Девонакулов), Д., 1966.

Ад.: Бертельс Е. Э., История персидско-таджикской литературы, М., 1960; Братишский И. С., 12 миниатюр, М., 1966.

Ч. Давлатулоев.

ВИСКОЗИМЕТРИЯ, як фасли физика, ки методҳои чен кардани гиллатро меомӯзад. Вобаста ба диапазони васеи кимати гиллат (аз 10^{-5} Па·сон то 10^{12} Па·сон) ва зарурати дар ҳарор. ва фишорҳои паст баланд чен кардани он чанд метод ва конструкцияҳои гуногуни асбобҳои чен кардани гиллат — вискозиметрҳо мавҷуданд. Вискозиметрҳои капилляри, ротационӣ ва ультрасадоӣ маълуманд. Барои чен кардани гиллати паст ва моеот се метод: капилляри, гутидани сакко ва цилиндрҳои ротационӣ васеъ татбиқ мешавад. Онҳо ба қонунҳои Пуазейль, Стокс ва ҷоришавии моеъ асос ёфтаанд.

ВИСЛА (Wisła), дарёе дар Полша. Тӯлаш 1068 км. Масоҳ. ҳавзааш 198,5 ҳаз. км². Аз кӯҳои Бескиди Силезия (Карпати Ғарбӣ) сар шуда, ба ҳаз. Гданьски б. Балтика мерезад. Асосан аз ҳамвории ҷорӣ шуда, дар ҷ. ишиҳо ҳаш дельта ба вуҷуд овардааст. Сарфи миёнаи солонаи об дар наҳ. ш. Варшава 500 м³/сон. Шохобҳои калонаш: аз рости — Дунаец, Вислока, Сан, Вепш, Буг, аз чап — Пилица ва Нида. Баҳор пурӣ, тобистон камоб мешавад, вале баъзан аз борони сел медамад. Аз ш. Варшава то ҷ. ишиҳо киштирониро ҷ. с. 1950 дар В. (аз Варшава то ...) 5 обанбор ва 1[illegible] ГЭС сохта мешавад. В.

ба воситаи каналҳо бо д-ҳои Неман, Днепр ва Одра алоқаманд аст. Дар соҳилҳои В. ш-ҳои калони Краков, Варшава, Плоцк, Торунь ва дар дельтааш ш. Гданьск воқеанд.

ВИСМУТ (лот. Bismuthum), Bi, элементи химиявии гурӯҳи V системаи даврии Менделеев; рақами ат. 83, массаи ат. 208, 980. В. металли нуқрагуни хокистарранг буда, $2 \cdot 10^{-5}$%-и массаи қишри Заминро ташкил медиҳад. Зичиаш 9800 кг/м³, t гуд. 271,3° С, t ҷӯш 1560° С. В.-и табиӣ як изотопи собит ^{209}Bi дорад. В. дар табиат дар намуди минералҳои *висмутин* (Bi_2S_3), бисмит (Bi_2O_3) ва ғ. ва чун металли холис вомехӯрад. В. дар пайвастҳояш 2, 3, 5 валента аст. В. дар шароити муқаррарӣ ба оксигени ҳаво тобовар буда, дар 1000° С гармӣ ба Bi_2O_3 табдил меёбад. Сеоксиди В. (Bi_2O_3)-ро барои ҳосил кардани намакҳои В. истифода мебаранд. В. дар кислотаҳои обдори хлорид ва сульфат ҳал намешавад. Аз таъсири В. кислотаҳои концентриронидаи нитрат, сульфат ва *шаҳшароб* газҳои NO_2 ва SO_2 хориҷ мекунанд. Бо галогенҳо ва сульфур ба осонӣ пайваст мешавад; бо Pb, Cd, Sn пайвастҳои зудгудоз ва бо Na, K, Mg, Ca пайвастҳои душворгудози интерметаллӣ ҳосил мекунад. Тақрибан 90% В.-ро аз маъданҳои полиметаллӣ мегиранд. Хӯлаҳои зудгудози В.-ро дар асбобҳои зиддисӯхтор ва дар дандонсозӣ истифода мебаранд. В. металли диамагнитӣ аст. Он дар асбобҳое, ки барои чен кардани шиддатнокии майдони магнитӣ (спираль) лозиманд ва дар реакторҳои атомӣ (ҳамчун гармигузарон) истифода мешавад. Бо дорухое, ки аз В. тайёр менамоянд (викалин, дерматол, ксероформ, бийохинол ва ғ.) бемориҳои меъда, рӯда, пӯст ва маразро муолиҷа мекунанд.

ВИСМУТӢН, ҷилои висмут, минерал. Форм. химиявиаш Bi_2S_3 (81,30% Bi, 18,70% S), баъзан омехтаҳои сурб, мис, оҳан, сурма ва ғ. дорад. Системаи кристаллбандиаш ромбӣ. Кристаллҳояш сӯзаншакл, агрегатҳояш нахмонанд, донадор ва ғ. Рангаш хира, сафеди нуқратоб, ҷилои металлӣ дорад. Сахтиаш 2—2,5; зичиаш 6780—6810 кг/м³. Дар конҳои гидротермалӣ, грейзенӣ ҳамроҳи пирит, халькопирит, арсенопирит, вольфрамит, касситерит, кварц, берилл вомехӯрад. В. барои ҳосил кардани висмут маъдани муҳим аст. Конҳои калони В. дар шим. Тоҷикистон (Қаромазори Шарқӣ) ва Ӯзбекистон (к-ҳои Нурато, Бурчмулло ва ғ.) мавҷуданд.

ВИСОЛ وصالی Муҳаммад Шафеъ, ба Мирзо Кучаки Шерозӣ низ маъруф аст (с. тав. номаълум — ваф. 1846), шоири эронӣ. В. аз шоирони дарбори Фатҳалишоҳи Қоҷор (1771—1834) буда, бештар дар пайравии классикони адабиёти форс-тоҷик шеър гуфтааст. Аз В. 12000 байт боқӣ мондааст. Ин-чунин достони «Ширину Фарҳод»-и нотамоми Ваҳшии Бофқиро ба охир расонда, «Атвоқ-уз-заҳаб»-и Муҳаммади Замахшариро аз арабӣ ба форсӣ гардондааст.

ВИСОЛӢ وصالی Мираки Балхӣ (с. тав. номаълум — ваф. тақр. 1572—74), шоири тоҷик. Аслан аз ноҳияи ш. Остона, ки аз музофоти Балх аст. Дар замони Пирмуҳаммадхон ибни Ҷонибек Султон қозии Остона Алӣ ибни Абӯтолибро ҳаҷв карда, баъд аз ин ба ҳаҷвгӯӣ машҳур шудааст. Дар мадҳи Абдуллохон қасидаҳои бисьёре гуфта, дар дарбор соҳиби обрӯ ва эҳтироми зиёде гардидааст. В. дар шеъраросӣ шогирди Навидии Куланг ва Абдурраҳмони Мушфиқӣ буда, ғазалро самимӣ сурудааст. Табъи салим ва фаҳми тез дошта, хати настаъликро хубу зебо менавишт. Аз мероси адабии В. ашъори парокандае боқӣ мондааст. *Ф. Зеҳниева.*

«ВИСПАРАД» (авестоӣ—сарварон), яке аз қисмҳои *Авесто*, ки аз 24 карда (боб) иборат аст. «В.»-ро тиловат мекарданд. «В.» нисбат ба «Готҳо», «Ясно», «Яштҳо» баъдтар мураттаб гардидааст ва дар он «Готҳо» ҳамчун дуоҳои муқаддас ситуда шуда, банду мисраъҳои алоҳидаашон иқтибос шудаанд. Тарҷумаҳои «В.» ба забони форсии миёна то замони мо расида, матн ва тарҷумааш ба забонҳои франсавӣ, немисӣ, англисӣ, санскрит, гуҷаротӣ ва ғ. чоп шудаанд. Занди «В.» ба мо дастрас аст. Нит. низ *Занд.* *М. Диловаров.*

ВИТАЛИЗМ (лот. vitalis — ҳаётӣ), ҷараёни идеалистӣ дар биология, ки дар организми зинда мавҷудияти қувваи фавқуттабиии ғайримоддиро эътироф мекунад. В. материяро беҳаракат шуморида, онро танҳо зери таъсири омилҳои фавқуттабиӣ фаъол меҳисобад. Виталистон дар байни материяи ғайризинда ва зинда ҳад гузошта, аз материяи ғайризинда ба вуҷуд омадани материяи зиндаро эътироф намекарданд. В. дар заминаи анимизм пайдо шудааст. Унсурҳои В. дар тасаввуроти файласуфони барҷастаи антиқа Афлотун (ҷовидии ҷон) ва Арасту (қувваи махсуси ғайримоддии «энтелехия») дучор меояд. Дар а. 17 В.-ро олими голланд Я. Б. Ван Гельмонт равнақ дод. Ба асосҳои В. асари Ч. Дарвин «Пайдоиши намудҳо бо роҳи интихоби табиӣ...» ва натиҷаи тадқиқотҳои тиббӣ, химиявӣ, биологӣ (мас., синтези сунъии карбамид) ва ғ. зарбаи қатъӣ расонданд. Дар охири а. 19 — аввали а. 20 баъзе олимон (мас., биологҳои немис Х. Дриш, И. Рейнке, Я. Иксюль ва диг.) барои маънидоди хусусияти ҳаёт аз нав омилҳои ғайримоддиро ба ҷои «моияи ҳаёт», «қувваи ҳаётӣ» «энергияҳои ҳаётӣ» ва ғ. истифода мебурдагӣ шуданд. Ин таълимоти хоси давраи империализм неовитализм номида мешуд. Неовиталистон мавзуияти даврахои инкишофи ҷанин (эмбриогенез) ва барқароршавии онро ба таъсири қувваи ғайримоддии шаклсоз вобаста медонистанд. Дар фош кардани моҳияти зиддиилмии В. хизмати К. А. Тимирязев, Л. Пастер, И. И. Мечников, И. М. Сеченов, И. П. Павлов, И. В. Мичурин ва диг. калон аст. Танқиди илмии В. аз нуқтаи назари материализми диалектикӣ дар асарҳои Ф. Энгельс («Диалектикаи табиат») ва В. И. Ленин («Материализм ва эмпириокритицизм») акс ёфтааст.

ВИТАМИНҲО (аз лот. vita—ҳаёт), гурӯҳи пайвастҳои органикии хосияти химиявиашон гуногун, ки миқдори ками онҳо барои фаъолияти мӯътадили мубодилаи модда, ҳаёти одам, ҳайвонот ва ғ. заруранд. В. асосан дар растанӣ ҳосил мешаванд (Ниг. *Растаниҳои витаминдор*). Одам В.-ро ба воситаи ғизои гуногун мегирад. Дар синтези В. микроорганизмҳо роли калон мебозанд. В. ба таркиби фермент ё системаҳои онҳо дохил шуда, дар организм ҳамчун катализатор процессҳои сафеда чарб ва ангиштоб ҳосилшавиро мезеонанд. Ҳангоми нарасидани В. дар ғизо ё вайроншавии процессҳои ҳазми онҳо авитаминоз (ниг. *Камвитаминӣ*) сар мезанад. Баъзе В. дар организм аз провитаминҳо (мас., витамини А аз каротин, Д. аз эргостерин) синтез мешаванд.

Духтури рус Н. И. Лунин (1880) муқаррар намуд, ки дар таркиби шир, ғайр аз казеин, равған, қанд ва намак боз диг. моддаҳои ғизоӣ ҳастанд. С. 1912 олими Польша К. Функ он моддаҳоро кашф карда «В.» номид ва қайд кард, ки сабаби бемориҳои цинга, пеллагра, бери-бери нарасидани В. мебошад. Омӯзиши таркиби химиявии В. имконият дод, ки онҳо дар саноат аз манбаъҳои табиӣ ё бо роҳи химиявӣ ҳосил карда шаванд. В.-ро бо таъсири физиологӣ ва ҳалшавиашон (дар равған, об ва ғ.) ба навъҳо ҷудо мекунанд. В.-ҳои А, Д, Е ва К. дар равғану С, B_1, B_2, B_6, B_{12} PP, холин, биотин ва ғ. дар об ҳал мешаванд. В.-ро шартан бо ҳарфҳои лотинӣ А, В, С, Д, Е ва ғ. ишора мекунанд. Вобаста ба таркиб ва сохт ҳар як витамин номи махсус (мас. тиамин B_1, рибофлавин B_2 ва ғ.) гирифтааст. В. чун пайвасти органикӣ ба процессҳои гуногуни физиологӣ: рушд, инкишоф, фаъолияти аъзои хунҳосилкунанда ва ғ. таъсир мерасонанд. Мас., бо В.-и B_1, B_2, PP ангиштоб таҷзия ва энергияи он хориҷ шавад, бо В.-и B_6, B_{12} аминокислотаҳо синтез мешаванд ва мубодилаи сафеда ба вуқӯъ меояд. Баъзе ҳосилаҳои витаминӣ (антивитаминҳо) ба организм баръакси В. таъсир намуда, боиси авитаминоз мегарданд. Миқдори зиёди В. дар организм са-

баби гипервитаминоз мегардад. Барои ҳайвоноти х. қ.-ро бо В. таъмин намудан ба хўроки онҳо концентратҳои витаминдор илова мекунанд.

Ад.: Кудряшов Б. А., Биологические основы учения о витаминах, М., 1948; Березовский В. М., Химия витаминов, М., 1959; Труфанов А. В., Биохимия и физиология витаминов и антивитаминов, М., 1959.

ВИТЕБСК (аз номи д. Витьба), шаҳр, маркази вил. Витебски РССБ. Узели р. о. ва шоссе, лангаргоҳи д. Двинаи Ғарбӣ. Аҳол. 286 ҳаз. нафар (1977). Маркази калони саноат (баъди Минск ва Гомель). Саноати сабук (ф-каҳои дўзандаги, ҷуробу трикотаж, пойафзол, комб-ҳои қолинбофӣ, шоҳибофӣ ва г.), мошинсози (з-дҳои дастгоҳсозӣ, асбобҳои электрченкунанда, қисмҳои радио, қисмҳои соат, таъмири мотор, қисмҳои эҳтиётӣ барои тракторҳо, корхонаҳои коркарди металл, асбобсозӣ), хўрокворӣ (з-дҳои равғаи, орд, комб-ҳои гўшту паррандапарвари ва г.) тараққӣ кардааст. Комб-ҳои чўбгари, хонасозӣ, масолеҳи бинокорӣ, ТЭЦ низ мавҷуданд. В. дорои ин-тҳои технологияи саноати сабук, ветеринарӣ, педагогӣ, тиббӣ, як қатор техникуму омўзишгоҳҳо ва музей мебошад. Аз осори меъмории калисои Благовещенск (а. 12), қасри губернатор (то с. 1772), бинои ратуша (1775) ва г. боқӣ мондааст. В. аввалин бор дар солномаи с. 1021 зикр шудааст. Аз с. 1802 В. маркази губ. (ҳоло вил.) Витебск.

ВИТЕБСК, вилоят дар қисми шим. шарқии РССБ. 15 янв. 1938 ташкил шудааст. Масоҳ. 40,1 ҳаз. км². Аҳол. 1391 ҳаз. нафар (1977), асосан белорусҳо, инчунин русҳо, украинҳо, яҳудиҳо ва диг. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 34,7 нафар. Вил. 21 район, 19 шаҳр, 26 нтш дорад. Ш-ҳои калон: Орша, Полоцк, Новополоцк. Марказаш — ш. Витебск.

Сатҳи вил. асосан ҳамвор, ¾ қисми терр-ро пастиҳо баландиҳо ташкил медиҳанд. Дар атрофи вил. теппаҳои моренаи дида мешавад. Теппаҳои калонтарин: Городок, Витебск (баландиаш то 295 м), Орша; к-теппаҳои Бреслав ва Свентянск. Пастиҳо калонтаринаш — Полоцк. Сарватҳои заминиаш масолеҳи бинокорӣ (доломит, оҳаксанг, рег, гил), торф. Иқлимаш континентӣ мўътадил. Ҳарор. миёнаи янв аз —6,8° дар Ғ то —8,3° С дар Ш., июль 17,5°, 28° С. Боришоти солона 550—650 мм. Д-ҳои калонаш — Двинаи Ғарбӣ ва Днепр. Зиёда аз 2 ҳаз. кўлҳо мавҷуданд, калонтаринашон Освея, Дривяты, Снуды, Лукомль, Нешердо ва диг. Ҳоҳаш бештар чиматли ҳоҳистартоб. 32% терр. вилоят бешазор (дарахтони саноҳбар, ҳоҷ, тус, оснна ва г.) буда, асосан дар Ғ. ва Шим. ҷойгир аст. Қисми ҳиёбӣ қуруқи давлатии Березина дар терр. вилоят воқеъ.

Соҳаҳои асосии саноат: саноати сабук, мошинсозӣ, химия, хўрокворӣ.

Калонтарин корхонаҳои саноати сабук: комб-ҳои қолинбофӣ ва шоҳибофӣ, ф-каҳои ҷуробу трикотаж, либосдўзӣ, трикотаж, з-ди чарм (Витебск), комб. катони Орша (калонтарин дар мамлакат), ф-каҳои пахи катон ва трикотаж (Орша), 20 з-ди коркарди пахустини катон. Инчунин з-дҳои мошинсозӣ, дастгоҳсозӣ (Витебск), мошинсозии сабук ва таъмири трактор (Орша), асбобҳои электрченкунанда, қисмҳои соат, радио, қисмҳои эҳтиётии трактор (Витебск), таъмири автомобиль (Полоцк) мавҷуданд. Саноати химия тез тараққӣ меёбад: комб. химия, з-ди коркарди нефть (Новополоцк), з-ди пахи шиша (Полоцк), биофабрика (Витебск). Корхонаҳои саноати хўрокворӣ: 5 комб. гўшт, комб. паррандапарварӣ, з-дҳои шир, панир, равғаи, шири хушк ва г. Саноати масолеҳи бинокорӣ низ ривоҷ ёфтааст: комб-ҳои чўбгарӣ, хонасозӣ, масолеҳи бинокорӣ (Витебск), з-ди масиуоти оҳану бетони (Новополоцк), комб. масиуоти силикатӣ (Орша). Корхонаҳои энергетикӣ: ГРЭС-и Белоруссия, ГРЭС-и Лукомль, 2 ТЭЦ дар Полоцк, ТЭЦ дар Витебск ва Орша. Х. к-и вилоят серсоҳа буда, ба чорводорӣ, ҳукпарварӣ, истеҳсоли катон ва картошка эътибори махсус дода мешавад. Майдони умумии кишт 1155,2 ҳаз. га (1972). Асосан ғалладона (ҷав, ҷавдор, ғандум, сулӣ), лўбиёҳо, зироати техникӣ (катон), хўроки чорво, инчунин картошка мекоранд. Саршумори чорвои вилоят (с. 1973; ба ҳисоби ҳаз. сар), гов — 970,9, хук — 632,4, гўсфанд — 156,8, буз — 6,5. Тўли р. о. 1200 км. Магистральҳои муҳимтаринии р. о.: Москва — Орша — Брест — Ленинград — Витебск — Киев, Смоленск — Полоцк — Рига. Узелҳои калонии р. о.: Орша, Витебск, Полоцк.

Соли ҳоиши 1975/76 вилоят 2081 мактаби таълими умумӣ, 26 омўзишгоҳи касбию техникӣ, 23 мактаби миёнаи махсус, ин-тҳои технологияи саноати сабук, ветеринарӣ, педагогӣ ва тиббӣ, филиали Ин-ти политехникии Белоруссия дошт. Ғайр аз ин 1461 китобхонаи оммавӣ, 1152 муассисаи маданию маърифатӣ, 8 музей, як театри драма мавҷуд аст. Газетаи вил. «Віцебскі рабочы».

Ад.: География Белоруссии, Минск, 1965; Белорусская ССР. Витебская область, Минск, 1968. *С. Курач.*

ВИТИМ, дарёе дар Забайкалия, шохоби рости д. Лена. Аз як шудани д-ҳои Витимкану Чина пайдо шудааст. Тўлаш 1837 км (бо д. Витимкан — 1978 км), масоҳ. ҳавзааш 225 000 км². Аз паҳнкўҳи Витим, кўҳсори Становой ва канори кўҳсори Патом ҷорӣ мешавад. Дар резишгоҳаш дельта ҳосил мекунад. Манбааш асосан борону барф. Сарфи солонаи об дар резишгоҳ ба ҳисоби миёна қариб 2000 м³/сон. Дарёе аз май то окт. пуроб гашта, сатҳи об то 8—10 м баланд мешавад. Аввалҳои нояб. ях баста, нимаи дуюми май об мешавад. Шохобҳои калонаш: аз чап — Ципа, Муя, Мамакан, Мама; аз рост — Конда, Каренга, Калакан, Калар ва Бодайбо. Аз резишгоҳ то ш. Бодайбо киштигард. Ҳавзаи В. конҳои тиллою абрак дорад.

ВИТКОВСКИЙ, пирьях дар Помири Ғарбӣ (ВАБК), шохаи рости пирьяхи Федченко (дар сарчашмаи он). Дар нишебаи ғарбии яке аз шохаҳои қ.-кўҳи Язгулом воқеъ аст. Тўлаш 15 км, майдонаш 50,2 км², ҳаҷми ях 6 км³. Нуқтаи баландтарини пирьях 6200 м, пастҳаринаш — 4900 м. *Ю. С. Усков.*

ВИТОВТ, Витаутас (1350—1430), князи кабири Литва (аз 1392), В. с. 1385, баъди муттаҳидшавии Литваю Польша, ба ҳимояи литвоию рус такя намуда, барои истик-

лолияти Литва муборизa бурд. Ба сиёсати муттаҳидшавии князьҳои Москва халал расонда, се бор (с-ҳои 1406—08) ба мулкҳои Князии Москва юруш кард, Смоленскро забт намуд (1404). Дар аҳди В. мулки Литва аз ҳисоби баъзе князиҳои рус то болооби Окаю Можайск ва Баҳри Сиёҳ васеъ шуд. В. дар торумор кардани рыцарьҳои немис (1410) иштирок дошт.

ВИТРАЖ (франс. vitrage, аз лот. vitrum — шиша), композицияи ороишии нақшӣ ё сюжетнок (дар тиреза, девор, ойнаи дар, инчунин намояҳои мустақил) аз шиша ё диг. материалҳои шаффофи рӯшноигузар. Ойнабандии рӯи иморат ё қисми бештари онро низ В. меноманд. В.-ҳои рангин бо ҷилои гуногун интерьерро назаррабо мекунанд. В. дар а. 10 пайдо гардида, дар а-ҳои 13—15 дар услуби готика васеъ истифода мешуд. В. аз порчаҳои шишаи ранга, ки пешакӣ мувофиқи контури расми тасвиршаванда мебуриданд ва онҳоро бо тасмачаҳои қӯрғошимин ё пӯлодин васл мекарданд, сохта мешуд. Ҳоло ҳам бо ин усул материалҳои нави замонавиро истифода бурда В. меофаранд, вале шишаи яклухтро, ки дар рӯяш бо усулҳои гуногун (ҳаккокӣ, тезобдавонӣ, гудозиш, рангдавонӣ ва ғ.) нақш менартоянд, бештар истифода мебаранд (ин тарзи В.-созӣ аз а. 14 маълум аст). Дар Тоҷикистон низ дар меъмории солҳои охир намунаҳои гуногуни В.-ҳо вомехӯранд. Дар Душанбе: магазини «Спорт», магазини «Тӯҳфаҳо»-и назди Хонаи аҳди никоҳ, ресторани «Насими кӯҳсор», гастрономи хиёбони Ленин. Шакли оддии В.-нақшпартоии рӯи шиша дар эҷодиёти устоҳои халқӣ дида мешавад. Ҷевонҳои ойнаашон нақшинро дар бисьёр районҳои республика дидан мумкин аст. Дар фабрикаи мебель низ чунин ҷевонҳо истеҳсол карда мешавад.

ВИШНЕ́ВСКИЙ Александр Яковлевич (тав. 5. 5. 1926, ш. Николаево, РССУ), муаррих, доктори илми таъриҳ (1976). Аъзои КПСС аз с. 1949. Аз оилаи хизматчӣ. С. 1942 ба фак-ти филологияи Ин-ти давлатии педагогии Душанбе дохил шуд. С-ҳои 1943—45 дар сафҳои Армияи Советӣ хизмат кард. Баъди хизмати ҳарбӣ хондану давом дод ва с. 1948 ин-ти мазкурро хатм намуд. С-ҳои 1948—51 муаллими мактабҳои таълими умумӣ, 1951—61 аввал консультанти шӯъбаи пропаганда ва агитация, баъд лектори Комитети партиявии ш. Душанбе. С-ҳои 1961—63 сармуҳаррири студияи кинои «Тоҷикфильм» ва ҷонишини сардори управленияи санъати Вазорати маданияти Тоҷикистон. С-ҳои 1963—70 ходими калони илмӣ ва аз 1970 котиби илмии Ин-ти таъриҳи партияи назди КМ ПК Тоҷ. Муаллифи зиёда аз 60 асари илмӣ, аз ҷумла «Дӯстии бузург (фаъолияти ташкилоти партиявии Тоҷикистон оид ба тарбияи интернационалӣ ва муттаҳид намудани омма дар солҳои сохтмони социалистӣ)» (1965), «Роли синфи коргари рус дар таҳкими таъриҳии халқи тоҷик» (1967, бо А. Баҳовуддинов), «Мактаби дӯстии халқҳо (Армияи Сурх — мактаби интернационализм ва дӯстии халқҳо)» (1976) ва яке аз муаллифони рисолаҳои коллективонаи «Давлати сермиллати советӣ» (1972), «Иттифоқи барабарон» (1972). Бо 5 медаль мукофотонида шудааст.

ВИШНЕ́ВСКИЙ Всеволод Витальевич (21. 12. 1900, Петербург — 28. 2. 1951, Москва), нависандаи советии рус. Аъзои КПСС аз с. 1937. Дар Рев. Октябрь ва ҷанги граждани иштирок дошт. Асари аввалинаш с. 1920 чоп шудааст. «Маҷмӯаи ҳикояҳои баҳрӣ»-и ӯ с. 1924 ба табъ расид. Пьесаи революционӣ ва романтикии «Армияи саворои якум» (1929) ба воқеаҳои ҷанги граждани бахшида шудааст. Баъд фочиаи публицистии «Дар Ғарб ҷанг аст» (1931) ва «Фочиаи оптимистӣ»-ро (1933) таълиф кард. Мардонавор ба истиқболи марг рафтани як полки Армияи Сурх дар «Фочиаи оптимистӣ» тантанаи ҳақиқати большевикиро намоиш медиҳад. Ин пьеса ва киносценарияи «Мо аз Кронштадт» (1933) асарҳои классикии драматургияи советӣ гардиданд. В. инчунин муаллифи пьесаҳои «Дар остонаи Ленинград» (1944), «Соли 1919-и фаромӯшнашаванда» (1949, Мукофоти давлатии СССР, 1950; 1951 Театри академии драмаи Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ ба саҳна гузошт), роман-фильми «Мо, халқи рус» (1937), ҳамосаи нотамоми ҳуҷҷатию бадеии «Ҷанг» мебошад. В. бо 2 ордени Ленин, 5 ордени дигар ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВИҶДО́Н (ар. وجدان дарьёфтан, донистан), яке аз категорияҳои асосии *этика*, дарки масъулияти маънавии шахс дар назди дигарон ва ҷамъият. Дар ҳаёти ҳаррӯза В. дар қаноатмандии маънавӣ ва ифтихор аз рафтори шоистаи худ («виҷдони пок»), ё ҳисси норизой аз рафтори ноҳақ, нораво ва номуносиби худ («азоби виҷдон») зоҳир мешавад. Файласуфони антиқа худшиносиро сарчашмаи муҳокимаҳои ахлоқӣ дониста (Суқрот), В.-ро ҳамчун сифати табиии одамон ва меъёри олии рафтори инсон (Демокрит) меҳисобиданд. Ҷалолуддини *Давонӣ*, Абдулқодири *Бедил*, Аҳмади *Дониш* В.-ро аз сифатҳои олии фард донистаанд. Аз рӯи фаҳмиши материалистии а.-ҳои 17—18 (*Локк, Спиноза, Гоббс* ва ғ.) В. ба мухити беруна вобастааст, бинобар он В. дар натиҷаи тарбияи шахс тағйир ҳоҳад ёфт. Ахлоқи идеалистӣ В.-ро ба мухити беруна вобаста накарда, хислати модарзоди ҳисоб мекунад (И. Кант, И. Г. Фихте, Ж. П. Сартр). Ба мухити беруна ё нуфузи шахси ҷудогона тобеъ шудан бар хилофи В.-и худ амал кардан аст. Ахлоқи динӣ ҳам В.-ро яктарафа ва нодуруст шарҳ медиҳад. Мас., дар ислом В. дарки масъулияти диндорон дар иҷрои фармоиши Қуръон ва дар *масеҳият* ҳис ва дарки масъулият дар иҷрои амрҳои Инҷил аст. Мувофиқи таълимоти марксизм В. мисли ахлоқ хусусияти синфӣ дошта, «ба дониш ва ба тамоми тарзи зиндагии одам вобаста аст... Виҷдони доро нисбат ба виҷдони камбағал, виҷдони мутафаккир нисбат ба виҷдони касе, ки қобилияти фикрӣ надорад, дигар аст» (К. Маркс и Ф. Энгельс, Соч., т. 6, с. 140). Марксизм таълим медиҳад, ки В., аз як тараф, ба шароити иҷтимоии тарбия ва ҳаёти инсон, аз тарафи диг., ба хусусиятҳои фаъолият ва эҳтиёҷоти шахсии вай вобаста аст. Аз ин ҷо В. дар як вақт ҳам шахсӣ ва ҳам ҷамъиятист. Одам дар амалиёти худ ҳамеша ба садои ботинии В. гӯш медиҳад ва дар айни ҳол маҷбур аст мухити берунаро ба инобат гирад. В. бо диг. категорияҳои этика — вазифа, шараф, адолат, бахт робитаи мутақобила дорад.

Ад.: Вазифа, виҷдон, шараф..., дар кит.: Асосҳои ахлоқи коммунистӣ, Д., 1977; Бербешкина З. А., Проблемы совести в марксистско-ленинской этике, М., 1963. *А. М. Дерюгин, А. Шарифов.*

ВКП(б), ниг. *Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ.*

ВЛАДИВОСТО́К, шаҳр, маркази кишв. Приморияи РСФСР. Шаҳри калонтарини Шарқи Дур. Аҳол. 536 ҳаз. наф. (1977). Пункти охирини магистрали р. о. Сибирь. Аэропорт дорад. Бандари калони СССР дар уқ. Ором. Иқлимаш тобистон гарм (ҳарор. миёна 20° С), зимистон сарди мӯътадил (ҳарор. янв. —15° С); боришоти солона қариб 690 мм. Дар В. з-дҳои таъмири киштӣ, истеҳсоли мошин барои коркарди моҳӣ ва харчанг, истеҳсоли конвейеру насос, саноати хӯрокворӣ (комб-ҳои моҳӣ, гӯшт, шир, ҚАНД), масолеҳи бинокорӣ (з-дҳои конструкцияҳои оҳанубетонӣ, хонасозии калонпанель ва ғ.) мавҷуданд. В. базаи шикори кит, харчанги баҳрӣ ва моҳӣ мебошад. Маркази илмии АФ СССР дар Шарқи Дур. Ун-т, ин-тҳои тиббӣ, санъат, педагогӣ, политехникӣ, технологияи хизмати маишӣ, техникаи саноати моҳӣ, савдои советӣ, омӯзишгоҳи олии инженерии баҳрӣ, ин-тҳои тадқиқоти илмии хоҷагии моҳӣ ва океанографияи уқ. Ором, 3 театр, 4 музей дорад. Қад-қади хал. Амур (14—28 км дуртар аз В.) якчанд курорти иқлимӣ ва лойқаги мавҷуд аст.

Владивосток. Биноҳои истиқоматӣ дар маҳаллаи Второй Речка.

В. с. 1860 бунёд ёфта, аз 1880 шаҳр ва аз 1888 маркази вил. Приморий. С. 1903 байни Москваю В. р. о. ба кор андохта шуд. Аввали а. 20 дар В. гурӯҳи партияи с.-д. ташкил ёфт. 18 нояб. (1 дек.) 1917 дар В. Ҳокимияти Советӣ барпо гардид. Бо Указ Президиуми Совети Олии СССР аз 14 дек. 1970 В. бо ордени Революцияи Октябрь мукофотонида шудааст.

ВЛАДИКАВКАЗ, номи ш. *Орджоникидзе* то с. 1931, пойтахти РАСС Осетияи Шимолӣ, аз с. 1944 то 1954 — Дзаучикау.

ВЛАДИЛЕНА, сайёраи хурди № 852. Онро с. 1916 астрономи рус С. И. Белявский кашф кард. С. 1924 ба шарафи Владимир Ильич Ленин В. номида шуд. Масофааш аз Офтоб ба ҳисоби миёна 2,36 воҳиди астрономӣ. Қадри ситорагиаш 12,7.

ВЛАДИМИР, шаҳр, маркази вил. Владимири РСФСР. Дар соҳили чапи д. Клязьма воқеъ аст. Узели р. о. ва мошингард. Аҳол. 284 ҳаз. наф. (1977). Дар В. э-дҳои тракторсозӣ, «Автоприбор», электромотор, ипчунин корхонаҳои саноати химия ва сабук, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ мавҷуданд. Шаҳр ин-тҳои политехникӣ, педагогӣ, техникумҳои мошинсозӣ, химияю механика, сохтмон, х. к., театрҳои драма ва лухтак, музейҳо дорад. Ёдгориҳои меъморӣ: дарвозаи Гиллон (1158—64), калисои ҷомеи Успенский (1158—60), калисои Биби Марьям (1649), калисои Никита (1762—65) ва г.

В.-ро с. 1108 князь Владимир Всеволодович Мономах барои аз самти Ч. Ш. мухофизат намудани Руси Ростову Суздаль бунёд кардааст. Пас аз ҳуҷуми муғулу тоторҳо (1238) шаҳр аҳамияти иқтисодию сиёсиашро гум кард. Аз с. 1796 маркази губерния. С.-ҳои 1838—40 А. И. Герцен ба В. бадарга шуда буд. С. 1892 И. Е. Федосеев дар В. кружоки марксисти ташкил кард. Сент. 1893 В. И. Ленин барои воҳӯрӣ бо И. Е. Федосеев ба В. омада буд. 25 окт. (7 ноябр) с. 1917 дар В. Ҳокимияти Советӣ барпо гардид. В. — ватани адмирал М. П. Лазарев, физик А. Г. Столетов ва бародари у каҳрамони мудофиаи Шипка И. Г. Столетов, композитор С. И. Танеев. Бо указ Президиуми Совети Олии СССР аз 28 янв. 1971 В. бо ордени Байраки Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

ВЛАДИМИР, вилоят дар РСФСР. Сохтаи ташкилаш 14. 8. 1944. Дар қисми марказии ҳамвории Европаи Шарқӣ воқеъ гаштааст. Масоҳ. 29 ҳаз. км². Аҳол. 1558 ҳаз. наф. (1977), асосан русҳо. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 53,7 наф. Вил. 16 ноҳия, 20 шаҳр, 35 ш.-ҳои деҳот. Ш.-ҳои калонаш: Ковров, Муром, Гусь-Хрустальный, Александров, Вязники, Кольчугино. Марказаш — ш. Владимир.

Сатҳаш ҳамвор, теппаҳо низ дорад. Дар Шим. Г. баландии Москва (баландиаш то 238 м) воқеъ гашта, дар Ҷ. он ба баландии ҳамвории Владимирское Ополье (баландиаш то 170—200 м) ивазмешавад. Ал Ҷ. ва Ш. пастиҳои Мещера ва Нерль (баландиашон 110—115 м) ҳамшафатанд. Сарватҳои зериламинӣ: торф, оҳаксанг, гил, реги кварцӣ ва г. Иклимаш континентии мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв. —11,5° С, июль 18° С. Боришоти солона 480—580 мм. Д-ҳо — Ока ва шохоби он Клязьма; шохобҳои Клязьма — Шерна, Киржач, Колокша, Нерль, Судогда ва диг. Ҳокаш бештар чимтоли ҳокистарранг. Қариб 49,4% терр. бешазор.

Соҳаҳои асосии саноати вилоят — мошинсозӣ, коркарди металл, шиша, бофандагӣ ва химия. Корхонаҳои калонаш: э-дҳои тракторсозӣ, «Автоприбор», мотори электрикӣ (Владимир), истеҳсоли экскаватор, мотоцикл (Ковров), тепловоз, яхдон, радиоприёмникҳо (Муром), баржаҳои ҳудгард, таҷҳизоти мошинҳои борбардор (Гороховец), аппаратураи радио, телевизор (Александров), кабель, коркарди металлҳои ранга (Кольчугино). Дар ш. Владимир э-ди химия (маҳсулоти зиҳфи синтетикӣ, полиэфирҳо), дар Александров ф-каи «Искож» (истеҳсоли карокӯли сунъӣ) ҳаст. Дар саноати сабук истеҳсоли газвори пахта, катон, трикотаж бартарӣ дорад. В. дар СССР аз ҷиҳати истеҳсоли газвори катон ҷои якум ва аз ҷиҳати газвори пахта ҷои сеюмро ишғол мекунад. Саноати шиша (Гусь-Хрустальный ва диг.) ҳаргуна шишаҳои техникӣ, бинокорӣ, зарфҳо, булӯр, шишаҳои ранга ва г. мебарорад. Саноати чӯбу тахта (Петушки, Костерево), мебель (Владимир, Вязники), фанер (Муром) ва г. мавҷуд аст. Маҳсулоти ҳунармандиаш — гулдӯзӣ, заргарӣ, минетураҳои локӣ (Мстера). Х. қ. барои истеҳсоли шир, гушт ва картошка махсус гардонда шудааст. Майдони умумии заминҳо 1043,9 ҳаз. га, аз ҷумла 658,2 ҳаз. га заминҳои корам, 379,9 ҳаз. га алафдарав ва чарогоҳ (1974). Аз зироати галладона ҷавдор, бомус, гандум, ҷав, марҷумак, лубиё, ипчунин картошка, сабзавот, хуроки чорво ва катон кошта мешавад. Боғдорӣ ривоҷ ёфта, навъи олуболуи маҳалли шӯхрат дорад. С. 1975 (ба ҳисоби ҳаз. сар) гов — 441,9, аз ҷумла модагов 190,1, хук — 171,4, гӯсфанду буз — 142,1 буд. Аспи зоти владимирӣ машҳур аст. Тӯли р. о. 973 км, магистральҳои асосиаш: Москва — Владимир — Горький, Москва — Муром—Қазон, Москва—Александров—Иваново. Роҳҳои автомобильгард 3228 км (1975). Д-ҳои Ока ва Клязьма (дар поёнобашон) — киштигард. Аз терр. В. газопровод мегузарад, ки он системаҳои газопроводи Марказ ва Волгаро ба ҳам мепайвандад. Дар вил. 2 мактаби олӣ, 27 мактаби миёнаи махсус, театрҳои драма ва лӯхтак, Музей-мамнӯъгоҳи давлатии муттаҳидаи таърихию меъморӣ ва санъати бадеии Владимиру Суздаль ҳаст. Газетаҳои вил.: «Призыв», «Комсомольская Искра».

В. Ф. Маҳахов, Ю. А. Рухин.

ВЛАДИМИР ВСЕВОЛОДОВИЧ МОНОМАХ (1053—1125), князи кабири Киев (1113—25), ходими давлатӣ,

сарлашкар, писари князь Всеволод Ярославич. Муддате (1093—94) князи Чернигов ва Переяслав буд. Ба асосҳои феодализм осеб нарасонда, дар бораи беҳтар намудани шароити зиндагии камбағалон қонун (устави В.) баровард. «Панднома»-и В. В. М. низ ба сулҳу салоҳи байни феодалҳо ва деҳқонон нигаронда шуда буд. Дар аҳди ӯ Руси Киев пурқувват шуда, ³/₄ қисми ҳудуди давлати Руси Қадим муттаҳид гардид. Баъди вафоти В. В. М. парокандагии феодалии Русь аз нав авҷ гирифт.

ВЛАДИМИРОВ Михаил Николаевич (тав. 1917, Тула), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1945). Аъзои КПСС аз с. 1944. Баъди хатми Ин-ти ҳисобу китоби хоҷагии халқи Москва ба сифати сардори сектори сохтмони асосӣ ва хоҷагии коммуналии Управлениях статистикии Кӯлоб, дертар дар ҳамин вазифа дар ш. Душанбе кор кард. Аз сент. 1942 дар сафи Армияи Советӣ, баъди хатми Омӯзишгоҳи 2-юми танкии Харьков дар Самарқанд командири взводи курсантҳои ҳамон омӯзишгоҳ, аз маи 1944 дар фронт командири тӯпҳои худгарди собиқ полки Новобутск буд. Июли 1944 дар наздикии қиш. Гришка Буда (Литва) ҷанги шадиде шуд ва В. бо тӯп 3 танкро нест кард ва 4-уминро аз кор баровард. Экипаже, ки В. ба он командирӣ мекард, аз қисмҳои Фронти 3-юми Белоруссия аввалин шуда, 16 авг. 1944 ба хоки Пруссияи Шарқӣ даромад ва Байраки Давлатии СССР-ро барафрохт. Окт. 1945 аз хизмат баргашта, сардори трести саноати вино ва хоҷагии боғу токдории Вазорати саноати хӯроквории Тоҷикистон, аз с. 1949 директори з-ди винои ш. Москва шуда кор кард. Аз с. 1975 нафақахӯр. Бо орденҳои Ленин, Ҷанги Ватании дараҷаи 1-ум ва 2-юм, Ситораи Сурх ва медальҳо мукофотонида шудааст. *Л. П. Сечкина.*

ВЛАСОВЧИЁН, хоинони Ватани Советӣ, иштирокчиёни қисмҳои ҳарбии зиддисоветӣ, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба Германияи фашистӣ ёрӣ расонданд. Аз номи генерал-лейтенант А. А. Власов, собиқ фармондеҳи Армияи 2-ми зарбазани фронти Волхов, ки июли 1942 асир афтод ва ба хизмати гитлерчиён гузашт. С. 1945 Власов ва шариконаш дастгир ва с. 1946 бо ҳукми Коллегияи ҳарбии Суди Олии СССР қатл карда шудаанд.

ВЛТАВА (Vltava), дарьё дар Чехословакия, шохоби чапи д. Лаба (Эльба). Тӯлаш 446 км, масоҳати ҳавзааш 28 ҳаз. км². В. аз к-ҳои Шумава сар шуда, дар наздикии ш. Мельник ба д. Лаба мерезад. Сарфи миёнаи об дар назди ш. Прага 142 м³/сон. В. баҳор пуроб, тобистон камоб аст. Аз резишгоҳаш то ш. Штеховице (84 км) киштигард, дар болотар чӯб равон мекунанд. Обанбор ва ГЭС сохта шудааст. Дар соҳилҳои В. ш-ҳои Прага, Ческе-Будеёвице воқеанд.

ВНУКУТ, деҳа дар С. қ. Вранги р-ни Ишкошими ВАБК. Терр. к-зи ба номи Ленин. Аз В. то маркази С. қ. 3 км, то район 80 км. Аҳол. 430 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, клуб ва китобхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ (гандум, ҷав). Сокинони деҳа аз оби д. Панҷ истифода мебаранд.

ВОБАСТАГИИ ХАТТӢ, таносуби намуди

$$C_1u_1+C_2u_2+\cdots+C_nu_n=0, \qquad (1)$$

ки дар он $C_1, C_2, \ldots C_n$ ададҳоеанд, ки аз онҳо лоақал яке аз ноль фарқ мекунад ва $u_1, u_2, \ldots, u_n$ ин ё он объектҳои математикие ки барояшон амалҳои ҷамъ ва зарб ба адад муайян карда шудаанд. Ба таносуби (1) $u_1, u_2, \ldots, u_n$ бо дараҷаи якум (хаттӣ) дохил гардидаанд, аз ин рӯ, вобастагии онҳоро В. х. меноманд. Аломати баробарӣ дар формулаи (1) мазмуни гуногун дорад, бинобар ин дар ҳар мавриди алоҳида онро шарҳ додан лозим аст. Мафҳуми В. х. дар ҳамаи соҳаҳои математика истифода мешавад. Чунончи, дар бораи В. х.-и векторҳо, функцияҳои як ва ё бисёртағьирёбанда, байни элементҳои фазои хаттӣ ва ғ. сухан рондан мумкин аст. Агар объектҳои $u_1, u_2, \ldots, u_n$ хаттӣ вобаста бошанд, он гоҳ лоақал яке аз онҳо комбинацияи хаттии объектҳои боқимонда мебошад, яъне:

$$u_i=\alpha_1u_1+\cdots+\alpha_{i-1}u_{i-1}+\alpha_{i+1}u_{i+1}+\cdots+\alpha_nu_n.$$

Функцияҳои бефосилаи яктағьирёбандаи $u_1=\varphi_1(x), u_2=\varphi_2(x), \ldots, u_n=\varphi_n(x)$ -ро бо ҳамдигар хаттӣ вобаста меноманд, агар барои онҳо таносуби намуди (1) ҷой дошта бошад. Дар ин маврид аломати баробариро чун айният нисбат ба аргумент x фаҳмидан лозим аст.

ВОВ ₯ номи ҳарфи 27-уми алифбои арабӣ ва 30-юми алифбои арабиасоси тоҷикӣ. Овозе, ки ин ҳарф ифода мекард, дар алифбои лотиниасоси тоҷикӣ (то с. 1940) бо ҳарфи V ва аз с. 1940 дар таркиби алифбои русиасоси тоҷикӣ бо ҳарфи «В» ифода меёбад. Ин ҳарф ба воситаи алифбои оромӣ аз алифбои финиқӣ омадааст. Дар *Абҷад* В. қимати адади 6-ро дорад. *В. А. Капранов.*

ВОВСИ Белла Марковна (тав. 4. 10. 1923, Рига), офтальмологи советӣ, доктори илмҳои тиб (1972), проф. (1974). Ин-ти 1-уми тиббии Москва ба номи И. М. Сеченовро (1947) хатм кардааст. Аз с. 1952 В. духтур-офтальмолог, баъд мудири шӯъбаи беморихои чашми Беморхонаи клиникии шаҳрии № 1 ш. Душанбе. Аз с. 1957 ассистент, доцент, аз с. 1973 мудири кафедраи беморихои чашми Ин-ти давлатии тиббии Тоҷикистон. С. 1971 дар мавзӯи «Хусусиятҳои сиҳатёбии захми қарнияи чашм дар процесси адаптацияи организм ба шароити баландкӯҳ ва реадаптация» дисс. докторӣ ҳимоя кард.

В. муаллифи 90 мақолаи илмӣ оид ба проблемаҳои глаукома, садамаи чашм ва касалиҳои модарзодии чашми кӯдакон мебошад. Бо роҳбарии В. хусусиятҳои гемо- ва гидродинамикии аъзои босираи одам дар давраи сиҳатӣ ва дар давраи касалӣ дар шароити гуногуни иқлимию географии Тоҷикистон омӯхта шудааст. В. раиси Ҷамъияти илмии офтальмологҳои республика; аъзои Ҷамъияти илмии умумииттифоқии офтальмологҳо; ҷонишини раиси Комиссияи муттаҳидаи ҷарроҳияи проблемавӣ.

Ас.: О лечении ран роговой оболочки в условиях высокогорья, «Вестник офтальмологии», 1972, № 1; Метаболизм переднего отдела глаза в условиях высокогорья, дар маҷм.: Материалы 1-ой республиканской научной конференции по проблемам высокогорья, Д., 1974.

ВОҒАТ, деҳа дар С. қ. ба номи Фрунзеи р-ни Ӯротеппаи вил. Ленинобод. Терр. с-зи ба номи Чапаев. Аз В. то маркази С. қ. 4 км, то район 3 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1578 наф. (1976), тоҷикон. В. дорои мактаби миёна, шӯъбаи алоқа, пункти тиббӣ, клуб, магазин мебошад. Соҳаи асосии хоҷагӣ — боғу токдорӣ. Заминҳо аз обанбори Каттасой обьёрӣ мешаванд.

ВОДЕВИЛЬ (франс. vodeville), пьесаи мазҳакавӣ, ки суруд ва рақс дорад. Истилоҳи В. аз ибораи водии Вир (Vau de Vire дар Франция) баромадааст. Зеро дар а. 15 сурудҳои ҳаҷвӣ дар ин маҳал махсусан равнақ ривоҷ ёфта буд. В. аввалҳо сурудҳои тӯй ва кӯчагӣ буда, аз а. 18 чун жанри махсуси театрӣ дар Европа паҳн гардид. Дар Россия В. дар аввали а. 19 пайдо шуда, равнақаш бо номи А. И. Писарев ва А. С. Грибоедов вобаста аст. В. дар драматургияи тоҷик асосан пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ пайдо шуда, дар он таъсири театрҳои халқӣ мушоҳида мешавад. «Дил—дили Зайнаб»-и Ш. Қиёмов ва А. Мороз намунаи водевиль дар драматургияи тоҷик аст.

ВОДИИ КАШМИР, водии тектоникӣ дар байни Ҳимолои Калон ва қ-кӯҳи Пир-Панҷол (аз с. б. қариб 1600 м баланд). Тӯлаш тақрибан 200 км, бараш 65 км. Кӯлҳо бисьёранд, калонтарини онҳо — Вулар. Аз водӣ дарьёи киштигарди Ҷелам

(шохоби д. Ҳинд) ҷорӣ мешавад. Ҳарор. миёнаи янв. —1° С, июль 22—23° С; бориноти миёнаи солона қариб 1000 мм. Бешаҳои дарахтони пахнбарг (булут, заранг ва г.), сӯзанбарг (дар нишебаи кӯҳҳо) мавҷуданд. Води серноҳуф буда, аҳоли асосан бо шоликори машғул аст. Курортҳои иқлими дорад. Маркази туризми байналхалқи. Дар В. К. ш. Сринагар (Ҳиндустон) воқеъ аст.

ВОДИИ МАРГ (Death Valley), пастҳамии байнинкӯҳи дар ШМА, дар биёбони Мохаве, байни қ-кӯҳҳои Амаргос ва Панаминт. Тулаш қариб 250 км. Яке аз пастҳамиҳои чуқуртарин (аз с. б. 85 м паст) ва беобу рӯи Замин. Ҷои пасттарини Америкаи Шимолӣ. Ҳарор. баландтаринаш 56,7° С. Ба сабаби аз ташнагӣ ҳалоқ гардидани як гурӯҳ тиллоҷуён (1849) чунин номида шудааст.

ВОДОПРОВОД, ниг. *Таъмини об.*

ВОДӢ, пастии тулонӣ ва каҷу килеби рӯи Замин, ки дар натиҷаи эрозияи (шустани) обҳои равон ба вуҷуд омадаст. В. дар ибтидо аз селобаҳои мавсимӣ ҳамчун ҷар ва сойҳо пайдо шуда, то ба ҳавзае расидан ба ҳуд чандин водиҳои дигарро ҳамроҳ мекунад ва торафт васеъ шудан мегирад. Ҳар як В. нишеба (паҳлӯ) ҳо ва қаъри дорад. В.-ҳое, ки нишебаҳояшон аз чинсҳои асли иборатанд, баланд ё паст, рост ё ҳамида, барчаста ё фурӯҳамида, ничунин зина-зина мешаванд, ки ин зинаҳо суфаҳои қадимӣ дарёанд. Вобаста ба марҳилаи ташаккул, сохти геологӣ, таъсири омилҳои берунӣ ва г. В.-ҳо (ба кундаланги) якчанд ҳел шуда метавонанд: 1) Дара — водии камбари нишебаҳояш рост, ки одатан дар кӯҳсор воқеъ аст. Дараи тангу ҳурдро дар бисёр воҳиҳои Тоҷикистон тангно меноманд. 2) Каньон, водии чуқури қаъраш танг, дар кӯҳ ва пуштакӯҳҳо дучор мешавад. 3) В.-ҳои V-монанд, ки асосан др кӯҳсор воқеанд. 4) В.-ҳои қаърашон ҳамвор, бештар дар ҳамвориҳо дида мешаванд. 5) В.-ҳои новашакл (трогҳо), дар кӯҳҳо аз ҳаракати пирьяҳҳо ба вуҷуд меоянд. Баъзе пастҳамиҳои байнинкӯҳиро низ В. меноманд. Мас., В.-ҳои Ҳисору Олой, Фарғона ва г. Дар чунин В.-ҳо зичии аҳолӣ ҳеле зиёд аст. Аз рӯи сохт



Ҳелҳои структурии водиҳо
А — синклиналӣ,
Б — антиклиналӣ,
В — моноклиналӣ,
Г — кандашуда
Д — фурӯзамини

В.-ҳо кӯҳӣ ва дашти мешаванд. В.-ҳои кӯҳсор чуқур ва камбар, водиҳои дашт бошанд, васеъ ва ҳамворанд. Вобаста ба хобиши табақаи чинсҳои таҳшин В.-ҳо баркад — тӯли води ба рафти хобиши чинсҳо мувофиқ аст (В.-ҳои ҷан. ғарбии Тоҷикистон ва Помири Ғарбӣ), кӯндаланг — води рафти хобиши чинсҳоро миёнбур кардааст (В.-и д-ҳои Панҷ, Фон, поёнобӣ Хинноб) ва уреб мешаванд (В.-ҳои болооби д. Вахш). Дар навбати ҳуд В.-ҳои баркад аз рӯи структураи чинҳо синклиналӣ, антиклиналӣ, моноклиналӣ, кандашуда ва фурӯзамини мешаванд (ниг. расм). Тадқиқи В. барои чустуҷӯи сарватҳои зериҳамини ва тартиб додани лоиҳаи иншоотҳои гидротехникӣ (ГЭС, каналҳо ва г.) аҳамияти калон дорад. В.-ҳои зериобӣ — пастҳамиҳои ҳамвору камбари қаъри баҳранд, ки дар ҳудуди тунукобаи материк ҷо гирифтаанд. Баъзе В.-ҳои зериобӣ даҳоми водиҳои калонтарини хушкиянд (В.-и д-ҳои Гудзон, Миссисипи, Конго ва г.). Ба ин рельеф ва таҳшинҳои зериобӣ шаҳодат медиҳанд. Сабаби дар зери обӣ баҳр мондани В.-ҳои дарёё ё аз обшавии пирьяҳҳои материкии давраи яхбандӣ ҳеле дамидани обӣ уқ. Олам ё чукидани қитъаҳои чудогонаи хушкӣ мебошад. *В. В. Лосхутов.*

ВОЕЙКОВ Александр Иванович (20. 5. 1842, Москва — 9. 2. 1916, Петроград), иқлимшиноси рус ва географ, асосгузори иқлимшиноси дар Россия. Аъзои-корр. АФ Петербург (1910), аъзои Ҷамъияти географии рус (1866). С.-ҳои 1872—76 ба Европаи Ғарбӣ, Америкаи Шимолӣ, Маркази ва Ҷанубӣ, Ҳиндустон саёҳат кардаст, дар Осиёи Миёна, Ҳитой, Шри-Ланка, Японияи низ тадқиқот бурдаст. С. 1884 «Иқлими кураи Замин, аз ҷумла Россия» ном асари В. ба табъ расид (ба забони руси). В. аввалин бор дар омӯзишӣ ҳодисаҳои географи усули милон (мизони яхбандӣ, намии ҳаво ва г.)-ро татбиқ кард. Ба бунёёди соҳаҳои нави илм метеорологияи х. к., палеоиқлимшиноси, фенология асос гузошт. Вобаста ба режими гидрологии д.-ҳои кураи Замин-ро тасниф кард. Аъзои чанд ҷамъиятҳои илмии ватанӣ ва ҳоричӣ. С. 1949 ба муносибати 100-солагии Расадхонаи асосии геофизикии Ленинград ба он номи В. дода шуд. С.-ҳои 1948—57 «Асарҳои мунтахаб»-и ӯ иборат аз чор ҷилд ба забони руси нашр гардид.

ВОЗЕҲ (واضح) Мирзо Муборакуллоҳи маъруф ба Иродатхон (с. тав. номаълум — вафо 1887), шоири форсизабон ва арбобӣ давлатии Ҳиндустон. В. қариб дар тамоми шаклҳои анъанавии назму насри адабиёти классикии форсӣ-тоҷик асар навиштааст. Бештари осораш дар пайравӣ ва ё дар ҷавобӣ асарҳои классикии адабиёти форсӣ-тоҷик эҷод шудаанд. Чуз ин, маснавиҳои «Миръоти дидор» дар ҷавобӣ «Маҳзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ, «Каманди ваҳдат» дар ҷавобӣ «Силсилат-уз-заҳаб»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Асрори маснавӣ» дар пайравӣ «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Руми, «Нагма ва шеван» дар пайравӣ «Нал ва Даман»-и Файзи Даканӣ ва г. Аз В. инчунин девоне мондааст, ки ғазалу қасида ва рубоиёти уро дарбар мегирад. Ашъори В. мазмуни ирфонӣ дорад. Таҳрири мансурӣ «*Вомиқу Аҳро*» намунаи насри бадеии В. мебошад. *А. Ғаффоров.*

ВОЗЕҲ (واضح) Мирзо Шафеъ (1796, Ганҷа — 28. 11. 1852, Тифлис), шоир ва маорифпарвари озар. Аз оилаи меъмор. Таълими ибтидоиро аз донандаи забону адабиёти форсӣ Мулло Панаҳ гирифта, пас ҳудомузи кардаст. В. с. 1826 дар Ганҷа мактаби хусусӣ кушода, аз хаттоти ва адабиёти форсию турки дарс мегуфт. М. Ф. *Ахундов* аз шогирдони ҳамон мактаб буд. С. 1850 В. дар Тифлис бо номи «Девони ҳикмат» маҳфили адабиё ташкил дода, то охири умр ба он рохбарӣ кард. Осори манзуми у ба се забон: форсӣ (қисми бештараш), озарӣ ва арабӣ эҷод шудаст. Муҳити адабию ичтимоии Тифлис шеъри В.-ро ба зиндагии мардум наздик кард. Шоир ҳушиҳои зиндагиро тараннум ва нуқсонҳои ҷамъияти феодалиро маҳкум намудаст. Ашъори В. таъсири шоиру сайёҳи немис Ф. Боденштедт (1819—1892), ки ҳар ду шиносои дошталанд, ба немисӣ (1850—51) ва диг. забонҳои Ғарб тарҷума шудаст. Як миқдор шеъҳои Қорӣ Раҳматуллоҳи *Возеҳ* (1817—1894) бо осори В. омехта гардида, ба китобҳои у дарҷ ва ба диг. забонҳо тарҷума шудаанд. *В. Самадов.*

ВОЗЕҲ (واضح) Қорӣ Раҳматуллоҳ ибни Муҳаммад Ошӯри Бухороӣ (1817, Бухоро — 1894, ҳамон ҷо), шоир, олим ва маорифпарвари тоҷик. Мадрасаро дар Бухоро ҳатм намудаст (1844). В. илмҳои таъриҳ, тиб, ҳисоб, фароиз, нуҷум ва г.-ро аз ҳуд карда буд. У ба се забон: тоҷикӣ, узбекӣ ва арабӣ шеър мегуфт. Тақрибан с. 1853 ба дарбор ҷалб шуда, баъди ба тахти амирати Бухоро нишастани Музаффар (1860—83) аз дарбор рафт. Пас аз як соли амирати Абдулаҳад (1885—1910) В. ба сафари Ҳиҷоз рафта, с. 1887 ба Бухоро баргашт. Он ҷо аз осори В. то имрӯз ба даст омадааст, инҳоянд: «Туҳфат-ул аҳбоб фи тазкират ил-асҳоб» (1871), ки дар бораи 145 шоир ва олими а-ҳои 18—19 маълумот медиҳад; «Саванеҳ-ул-масолик ва фароиҳ-ул мамолик» (1887), ки аз ёддоштҳои сафари Ҳиҷоз фароҳам омада буд; «Кони лаълат ва ҳони неъмат» (1881) аз нону таом ва лаззатҳои тоҷикии давраи муаллиф маълумот медиҳад. Дар «Анмӯ ҳунинсо» (таълифаш пеш аз с. 1883) урфу одатҳои ҳурофотии дар байни аҳли маъмӯл бо ҳаҷву тамасхур тас-

вир шудааст. Аз осори В. дар ҳудуди 2400 байт дастрас аст, ки ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа, мухаммас, фард, тарҷеъбанд ва маснавиҳои соддаю равони шоирро дарбар мегирад. Дар ин гуна ашъор В. ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ даҳолат карда, нисбат ба замонаш фикрҳои пешқадам баён намудааст. В. дар адабиёти нимаи дуюми а. 19 мавқеи босазо дорад. *Т. Неъматзода.*

ВОЗНА́ВД, деҳа дар С. қ. Шидзи р-ни Рушони ВАБК. Дар соҳили д. Панҷ, сари роҳи мошингарди Душанбе — Хоруғ воқеъ аст. Терр. с-зи «50-солагии Октябрь». Аз В. то маркази С. қ. 10 км, то район 50 км. Аҳол. 288 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби 8-сола, клуб, китобхона, пункти тиббӣ, магазин дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ, кирмакдорӣ. Сокинони деҳа аз оби дараи Вознавд истифода мебаранд.

ВОЗНЕСЕ́НСКИЙ Николай Алексеевич (1. 12. 1903, деҳаи Тёплое, вил. Тула — 30. 9. 1950), ходими давлатӣ ва партиявии советӣ, акад. АФ СССР (1943). Аъзои КПСС аз с. 1919. Аз оилаи хизматчӣ. С. 1921 Ун-ти коммунистии ба номи Свердловро хатм намуда, то 1928 дар Донбасс машғули корҳои партиявӣ шуд. С-ҳои 1928—31 таҳсил ва баъд дар Ин-ти иқтисодиёти профессураи сурх, Комиссияи марказии назорати Инспекцияи коргару деҳқон, Комиссияи назорати советӣ кор кард. С. 1935 раиси комиссияи шаҳрии планкашӣ ва ҷонишини раиси Совети шаҳрии Ленинград, 1938 раиси Госплани СССР, 1939 ҷонишини раиси СКХ, 1941 ҷонишини якуми раиси Совети Вазирони СССР. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аъзои Комитети давлатии мудофиа ва аз с. 1943 аъзои Комитети назди СКХ СССР оид ба барқароркунии хоҷагиҳои районҳои аз истилои фашизм озодгашта буд. Дар Съезди 17-уми ВКП(б) (1934) аъзои Комиссияи назорати советӣ ва дар Съезди 18-ум (1939) аъзои КМ ВКП(б) интихоб шуд. Аз февр. 1941 помзад ба аъзоӣ ва аз с. 1947 аъзои Бюрои Сиёсии КМ ВКП(б) интихоб гардид. Муаллифи як қатор асарҳои илмӣ оид ба хоҷагии халқи СССР. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1948). Бо 2 ордени Ленин мукофотонида шудааст.

ВОЙДАРА́, деҳа дар С. қ. Қалъаи Сурх, р-ни Ғарми РСС Тоҷ. Терр. с-зи «Қаротегин». Аз В. то маркази С. қ. 7 км, то маркази район 15 км; роҳ асфальт. Аҳол. 251 наф. (1976), тоҷикон. В. дорои мактаби миёна, пункти тиббӣ, магазин ва китобхона аст. Сокинони деҳа бо чорводорӣ, картошкакорӣ ва тамокукорӣ машғуланд. Заминҳо ба воситаи насосҳо аз д. Сурхоб обьёрӣ мешаванд.

ВО́ЙНИЧ (Voynich) Этель Лилиан (11. 5. 1864, Корк, Ирландия — 28. 7. 1960, Нью-Йорк), адиби англис. Зани революционери поляк М. Войнич. С-ҳои 1887—89 дар Россия зиндагӣ кардааст. Бо Ф. Энгельс ва Г. Плеханов шинос буд. Аз с. 1920 дар Нью-Йорк ҳаёт ба сар бурдааст. Асари беҳтарини В. романи революционии «Замбӯр» (1897, тарҷ. тоҷ. 1932) ба муборизаи озодихоҳии халқи Италия дар с-ҳои 30—40-уми а. 19 бахшида шудааст. Дар асоси он спектакль, опера ва фильм офарида шудааст. Романҳои дигари ӯ: «Чек Реймонд» (1901), «Оливия Легам» (1904), «Дӯстии кандашуда» (1910). «Кафшатро каш» (1945) низ бо рӯҳи шӯришгарона эҷод шудааанд. Якчанд асарҳои мусиқӣ эҷод кардааст, ораторияи «Бобул»-и вай (1948) ба сарнагун карда шудани мутлақият дар Россия бахшида шуда буд.

ВОКЗА́Л [англ. Vauxhall—номи гулгашт ва муассисаи тамошо дар мавзеи назди Лондон, ки дар а. 17 ба Ҷейн Вокс (Jane Vaux) тааллуқ дошт; баъди дар ш. Павловски назди Петербург сохта шудани вокзале, ки ҳам бинои пассажирон буду ҳам чун муассисаи тамошо хизмат мекард, калимаи «вокзал» умумият пайдо кард], комплекси биною иншоот, ки барои хизматрасонӣ ба пассажирону нақлиёт дар мавзеъҳои исти онҳо, идораи ҳаракати нақлиёт ва ҷой додани ашхоси хизматрасон таъин шудааст. Дар бинои В. одатан кассаҳои билет, бюрои ахборот, бағочхона, толори истироҳату интизорӣ, муассисаҳои тиббию хӯроки умумӣ, умури идораи нақлиёт, почтаю телеграф ва ғ. ҷой мегиранд. В.-ҳо вобаста ба намуди нақлиёти истифодашаванда *(автовокзал,* аэровокзал, вокзали роҳи оҳан, вокзалҳои бахрӣ, вокзали дарьёӣ), мавқеъ дар тӯли роҳи ҳаракат (вокзали охирин, узелӣ, мобайнӣ, транзитӣ), шумора ва тоифаи пассажирон (вокзал барои масофаҳои дур, маҳаллӣ, наздишаҳрӣ, байналхалқӣ), гунҷоиш ва миқдори пассажирон гуногун мешаванд. Автовокзал, аэровокзал ва вокзали р. о. Душанбе вокзалҳои калонтарин дар республикаанд. Мас., аэровокзали пойтахт бо аппаратураи навтарини радиотехникию радиолокационӣ ҷиҳозонида шудааст, ки барои шабу рӯз ва дар ҳар гуна обу ҳаво қабул кардани самолётҳо имконият медиҳад. Дар бинои замонавии вокзали Душанбе барои пассажирон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

ГЭС-и Волжскии ба номи В. И. Ленин.

Намуди умумии вокзали роҳи оҳани Душанбе.

«ВОКРУ́Г СВЕ́ТА», журнали ҳармоҳаи илмию бадеии КМ ВЛКСМ. Нашри петербургӣ М. О. Вольф с. 1861 таъсис кардааст. С. 1869 чопи он қатъ гардид. С. 1885 бори дуюм ва с. 1927 бори сеюм нашри «В. с.» барқарор шуд. Аз с. 1931 журнали КМ ВЛКСМ гашт. То с. 1938 (№ 5) дар Ленинград чоп мешуд, ҳоло онро дар Москва нашриёти «Молодая гвардия» (1942—45 чопи журнал қатъ гардида буд) чоп менамояд. «В. с.» саёҳатҳо, ҳаёти халқҳои мамлакатҳои гуногун, тамаддуни ҳозира ва қадим, экспедицияҳои археологию этнографиро инъикос намуда, асарҳои бадеӣ чоп мекунад. Адади нашраш 2,54 млн нусха (1978).

ВОЛА́ والا Абдулҳақ (тав. 1926, Кобул), шоир ва ходими ҷамъиятии Афғонистон, ба забони форсии кобулӣ (дарӣ) менависад. Ун-ти Кобулро хатм кардааст. В. баъди хатми таҳсил дар идораҳои давлатӣ, радио ва матбуот хизмат мекунад. Шеърҳояш дар матбуоти ҷории Афғонистон чоп мешавад. Аз осори В. маҷмӯаҳои «Чанд ғазал», «Роҳу расми зиндагӣ», «Ранги насим» ба табъ расидаанд. Зиндагии мардуми заҳматкаш, озодии занон, табиати зебои кишвар мавзӯи асосии осори В. мебошад. В. борҳо ба СССР омадааст. Дар маҷлисҳои симпозиуми шеъри форсӣ, ки с. 1967 дар ш. Душанбе гузашт, В. роҳбари ҳайати вакилони Афғонистон буд. Дар саҳифаҳои журнали «Садои Шарқ» ва маҷмӯаи «Занҷири гусаста» (Душанбе, 1968) ашъори В. ба табъ расидааст. *С. Саидов.*

ВО́ЛГА (номи қадимиаш Ра, дар асрҳои миёна — Итил ё Этел), дарьё



Кӯпруки Саратов дар д. Волга.

дар Қисми европоии СССР, яке аз бузургтарин дарьёҳои кураи Замин ва калонтарин дар Европа. Тулаш 3530 км. Масоҳ. ҳавзааш 1360 ҳаз. км². В. аз баландии Валдай (228 м) сар шуда, ба б. Каспий мерезад. Резишгоҳаш аз с. б. 28 м паст. Чашмаи назди деҳаи Волга-Верховье (вил. Калинин) саргаҳи В. аст. В. қариб 200 шохоб дорад, калонтарини онҳо Кама ва Ока. Шохобҳои чапаш нисбат ба рост сершумору серобтаранд. В.-ро одатан ба 3 қисм ҷудо мекунанд: В.-и Боло — аз саргаҳ то резишгоҳи Ока, В.-и Миёна — аз ибтидои Ока то резишгоҳи Кама ва В.-и Поён — аз ҳамроҳшавии Кама то резишгоҳаш. В. дар болооб аз водии танг ҷорӣ шуда, якчанд баланди ва пастиҳоро бурида мегузарад. Дар ҷараёни миёна ва поён водии дарьё васеъ мешавад. Соҳили рости баланди ҳаридор, соҳили чапаш паст, суфраҳои хеле васеъ дорад. Шохобҳои калони В.-и Боло—Селижаровка, Тверца, Молога, Шексна, Унжа; В.-и Миёна — Ока, Сура, Ветлуга, Свияга, Кама. Ба В.-и Поён шохобҳои нисбатан хурди Самара, Иргизи Калон, Еруслан ҳамроҳ мешаванд. 21 км болотар аз ш. Волгоград шоҳаи чапи В. — Охтуба (537 км) ҷудо шуда, бо маҷроҳои асосӣ мувози ҷорӣ мешавад. Ҷойҳои васеи байни В. ва Охтубаро дарьёбоди Волгаю Охтуба меноманд. Дельтаи В., ки дар СССР калонтарин аст, 46 км шимолтар аз Астрахань сар мешавад ва дарьё ба шоҳаҳои сершумор (то 500) тақсим мешавад. Шоҳаҳои калонтаринаш: Бахтемир, Камизак, Старая Волга, Болда, Бузан, Охтуба (киштигардаш Бахтемир). Ҳавзаи В. аз саргаҳ то ш. Горький ва Казан ба зонаи бешаҳо, қисми миёнааш то ш. Куйбышеву Саратов ба зонаи бешадашт, қисми поёнӣ он то Волгоград ба зонаи дашт ва ҷанубтараш ба зонаи биёбон рост меояд. Маншаи В. — барф, обҳои заминӣ ва борон. Давраи обхези апр.—июнь, камоби — баъзе моҳҳои тобистону зимистон. Дар матнҳои бориҳои зиёд (окт.—ноябр.) об медамад. Сарфи миёнаи солонаи об дар назди ш. Калинин 182 м³/сон, ш. Ярославль — 1110, ш. Горький — 2970, ш. Куйбышев — 7720, ш. Волгоград — 8000 м³/сон. Аз Волгоград поёнтар В. 2/3 оби худро аз ҳисоби буҳор гум мекунад. Дарьё зимистон ях баста, миёнаи март дар назди Астрахань ва миёнаи апр. то саробаш пурра об мешавад. В. тавассути роҳи обии Волга—Балтикаи ба номи В. И. Ленин ва системаҳои обии Вышневолоцк—Тихвин бо б. Балтика; системаи обии Двинаи Шимолӣ ва канд. Бахри Сафеду Балтика бо Бахри Сафед; тавассути канд. киштигардии Волга — Дон ба номи В. И. Ленин бо б. Азов ва Бахри Сиёҳ пайваст шудааст. Аҳамияти хоҷагии В. хеле калон аст. Дар В. ГЭС-ҳои Иваньков, Углич, Рыбинск, Горький, Волжский ба номи В. И. Ленин, ба номи Съезди 22 КПСС ва як қатор обанборҳо (Волга ё б. Москва, Рыбинск, Куйбышев ва г.) сохта шудаанд. В. қариб 70 намуд моҳӣ дорад ва аз ин 40 намудаш (воблА, шурмоҳи, лагорамоҳи, лаккамоҳи, шуртан, суфрамоҳи, симмоҳи ва г.) шикорбоб аст. Аз Ржев поёнтар В. пурра киштигард. Ба воситаи дарьё чуб, нефть, масолеҳи биноқорӣ, ғалла, намак, сабзавот ва г. кашонда мешавад. Аз се ду ҳиссаи боркашонии дарьёҳои СССР ба В. рост меояд. Ш-ҳои калони соҳилҳои В. — Калинин, Рыбинск, Ярославль, Горький, Казон, Куйбышев, Саратов, Волгоград ва Астрахань.

ВОЛГИН Вячеслав Петрович (14.6.1879, деҳаи Борщевка, ҳоло р-ни Хомутовкаи вил. Курск — 3.7.1962, Москва), муаррихи совети ва ҳодими чамъияти, акад. АФ СССР (1930). Аъзои КПСС аз с. 1920. Аз охири с-ҳои 90-ум дар ҳаракати революционии донишҷӯёни иштирок кард. С-ҳои 1897—1908 дар Ун-ти Москва ҳонд. С-ҳои 1919—30 проф. Ун-ти давлатии Москва, 1921—25 ректори Ун-ти давлатии Москва. В. яке аз ташкилотчиёни Ин-ти таърихи ассоциацияи Россия, Ин-ти таърихи Академияи коммунисти, Ҷамъияти муаррихони марксист. С-ҳои 1930—35 котиби доими, 1942—53 ноиб президенти АФ СССР. Ваҳ. асарҳои мутафаккирони бузурги гузаштаро омӯхта, бори аввал аз мавқеи марксизм таҳлил кард. Тадқиқоти бисёрсолаи В. оид ба таърихи пиқиҳофи афкори ҷамъиятии а. 18 Франция ба у имконият дод, ки муборизаи ғоявии пеш аз Рев. Каб. Франсияро ба тарзи нав шарҳ диҳад. В. ташаббускор ва муҳаррири асари бисёрҷилдаи «Саромадони социализми илмӣ» буд, ки нашри он аз с. 1947 давом дорад. Депутати Совети Олии РСФСР (даъватҳои 2—3). Лауреати Мукофоти ленинӣ (1961). Бо 3 ордени Ленин, ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва медалҳо мукофотонида шудааст.

ВОЛГОГРАД (то 1925 — Царицын, то 1961 — Сталинград), шаҳр, маркази вил. Волгоградӣ РСФСР, дар соҳили рости д. Волга. Аз В. канд. киштигардии Волга—Дон ба номи В. И. Ленин сар мешавад. Узели 5 магистралӣ р. о. Аҳол 931 ҳаз. нафар (1977). В. 57% и маҳсулоти саноатии вил. Волгоградро медиҳад. З ҳои тракторсозӣ, металлургӣ, киштисозӣ, алюминий, истеҳсоли маҳсулоти нефть, аппаратҳои газ, қисмҳои трактор, комб. химия, корхонаҳои масолеҳи биноқорӣ (маснуоти оҳанубетонӣ, хишт); саноати чубгарӣ (з ҳои мебель, хонасозӣ), ҳуроквори (комб. гӯшт, з-д

Волгоград. Сиҳаммаи ёдгориҳо дар Кӯрғони Мамай

Волгоград. Аз рост — хиёбони ба номи Ленин.

ҳои шир, маргарин, консерв, ф-каи қанодӣ), сабук (з-ди чарм, ф-каи пойафзол); ГЭС-и Волжскии ба номи Съезди 22 КПСС, ГРЭС, ТЭЦ-2 мавҷуданд. 6 мактаби олӣ, 4 театр, 3 музей (музейҳои мудофиа, кишваршиносӣ, санъати тасвирӣ) дорад.

В. а. 16 буньёд ёфтааст. Мудофиаи қаҳрамононаи Царицын (1918—19) шаҳрро шӯҳратманд намуд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, махсусан муҳорибаҳои 1942—43, шаҳр тамоман валангор шуда буд. Баъди ҷанг аз нав барқарор гардид. 22 дек. 1942 ба шарафи мудофиаи ғалабаовари шаҳр медали «Барои мудофиаи Сталинград» таъсис ёфт. Сталинград шаҳри қаҳрамон гардид. 8 мае 1965 бо Указ Президиуми Совети Олии СССР барои мардонагӣ ва қаҳрамонии меҳнаткашони шаҳр дар муборизаи бар зидди истилогарони фашистии немис В. бо ордени Ленин ва медали Ситораи Тилло мукофотонида шуд. Бахшида ба ғалабаи халқи Советӣ дар муҳорибаҳои назди Волга ва хотираи шаҳидони ҷанг дар Қӯрғони Мамайи В. силсилаи ёдгориҳо гузошта шудааанд (1963—67).

ВОЛГОГРАД (то с. 1961 — вил. Сталинград), вилоят дар РСФСР. 5. 12. 1936 ташкил шудааст. Масоҳ. 114,1 ҳаз. км². Аҳол. 2451 ҳаз. наф. (1977). Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 21,5 наф. Вил. 32 район, 18 шаҳр ва 25 птш дорад. Ш-ҳои калонаш: Волгоград, Волжский, Камышин, Михайловка, Урюпинск, Фролово. Марказаш — ш. Волгоград.

Вил. дар ҷан. шарқии ҳамвории Европаи Шарқӣ ҷойгир аст. Онро д. Волга ба 2 қисм ҷудо мекунад: Ғарбӣ — соҳили рост ва шарқӣ — Заволжия. Соҳили рост нисбатан баланд, бо сою ҷариҳои зиёд бурида шудааст. Дар ин ҷо қисми ҷан. баландии назди Волга (то 358 м), қисми шим. баландии Ерген, қисми ҷан. шарқии баландии Калач, қисми шарқии қ-теппаи Дон, инчунин пастиҳои Хопёр—Бузулук ва Сарпа воқеъ гаштаанд. Заволжия пастии ҳамвор аст. Байни Волга ва шохаи чапаш — Охтуба дарёбоди Волгаю Охтуба ҷой гирифтааст, ки кӯлҳои зиёде дорад. Конҳои нефть, газ, масолеҳи бинокорӣ ҳаст. Иқлими вилоят континентӣ, зимистон сарди камбарф, тобистон хушки гарм. Ҳарор миёнаи янв. дар Ҷ. Ғ. — 8° С, Шим. Ш. — 12° С; июль дар Шим. Ғ. 22° С, Ҷ. Ш. 24° С. Боришоти солона 270—450 мм. Дарёҳои калонаш — Волга, Дон. Бо сохтани обанборҳои Волгоград ва Цимлянск ҷараёни Волга ва Дон танзим ва шароити киштигардӣ беҳтар шуд. Кӯлҳои шӯраш дар Заволжия: Эльтон, Боткӯл, Горько-Соленое; лиманҳои табиӣ ва сунъӣ бисёранд. Зиёда аз 83% терр. вилоят зонаи даштӣ аст. Заминаш сиёҳхок, хурмоии тира, дорчипранги маргзорӣ ва ғ. 4% терр. вилоят бешазор. Олами ҳайвоноташ гуногун: юрмон, муши даштӣ, калтакалос, мори афъӣ, заргӯш, рӯбоҳ, гург, хаз, сайгак. Муши обӣ ва сагобӣ парвариш мекунанд. Паррандаҳо бисьёранд (дуғдоғ, сӯфитурғай ва ғ.). Д-ҳои Волга, Дон аз моҳӣ бойанд (тосмоҳӣ, гулмоҳӣ, окунь ва ғ.).

Вил. В. ноҳияи калони саноатӣ ва х. қ.-и Поволжия мебошад. Ҳуҷуми ғоратгаронаи армияи фашистони немис дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) ба хоҷагии халқи вилоят зарбаи калон расонд. Зиёда аз 1/3 қисми терр. вилоят майдони муҳориба буд. Баъди ҷанг хоҷагии халқ бо тезӣ барқарор карда шуд. Соҳаҳои асосии саноат — истеҳсоли энергияи электр, мошинсозӣ, металлургия, сабук ва хӯрокворӣ. Саноати химия ва нефту газ босуръат тараққӣ дорад. Базаи энергетикии вилоят: ГЭС-и Волжскии ба номи Съезди 22 КПСС, ГРЭС ва ТЭЦ-2-и Волгоград, ТЭЦ-ҳои Камышин, Михайловка, Волжский. Корхонаҳои калони саноатиаш: з-ди металлургии «Красный Октябрь»

1888 1889 1890

(Волгоград), з-дҳои қубурсозӣ (Волгоград, Волжский), алюминий (Волгоград). Саноати мошинсозӣ ва коркарди металл асосан дар Волгоград ҷойгир шудааст (з-дҳои трактор, киштисозӣ, мошинсозии саноати нефть, кисмҳои трактор ва г.). Инчунин з-дҳои трактору автомобиль дар Камышин, киштисозӣ (Калачи Дон), автокрану кранҳои маҳорадор (Урюпинск), пулодгудозӣ (Фролово), з-дҳои подшипник, таъмиру механики (Волжский) мавҷуданд. Саноати масолеҳи бинокорӣ (истеҳсоли цементу шифер, маснуоти оҳанубетонӣ, оҳак, гач, карамзит), бофандагӣ ва чӯбгарӣ ривоҷ ёфтааст. Соҳаҳои х. қ. вилоят асосан галлакорию чорводорист. Гандум, ҷав, ҷавдор, чуворимакка ва аз зироатҳои техникӣ — офтобпараст, хардал (горчица) мекоранд. Вилоят аз ҷиҳати кишту ҷамъоварии зироати полизӣ (тарбуз) дар РСФСР ҷои дуюмро ишғол мекунад. Заминҳои обьёришаванда сол аз сол васеъ мешаванд. Парвариши чорвои гӯшту ширдеҳ ва гӯсфандӣ ва маҳинпашм ривоҷ меёбад.

Тӯли хати р. о. 1,6 ҳаз км. Узели асосии р. о.— Волгоград. Д-ҳои Волга, Дон, Охтубл, Хопёр ва ғ. Волга—Дон ба номи В. И. Ленин киштигардонд. Вилояти В. бо б. Азов, Баҳри Сиёҳ, б. Каспий алоқаманд аст. Бандар ва истгоҳҳои муҳимаш—Волгоград, Волжский, Дубовка, Калачи Дон.

Соли хониши 1975/76 вилоят 1667 мактаби таълими умумӣ, 64 омӯзишгоҳи касбию техникӣ, 37 мактаби миёнаи махсус, 6 ин-т (политехникӣ, инженерони сохтмон, х. қ., тиббӣ, педагогӣ, тарбияи ҷисмонӣ) дошт. Газетаҳои вил. «Волгоградская правда», «Молодой ленинец».

Ад.: Волгоградская область. Физико-географический и экономико-географический обзор, Волгоград, 1970, Народное хозяйство Волгоградской области в 1966—71 гг.

ВОЛЕЙБОЛ (англ. volley — дар парвоз зада гардондан ва ball — тӯб), навъи спорт, бори аввал с. 1895 дар ШМА пайдо шудааст. В. минбаъд дар Япония, Хитой, Филиппин ва диг. мамлакатҳо паҳн шуд. Дар Европа бозии В. бори аввал с. 1907 дар Чехословакия расм шуд. С. 1947 Федерацияи байналхалкии В. (ФИВБ) ташкил ёфт. С. 1964 мусобиқаҳои мардона ва занона ҷиҳ ба В. ба программаи Бозиҳои олимпӣ дохил гардид. Дар СССР аввалин мусобиқаи Умумиттифоқӣ аз рӯи В. с. 1933 шуда гузашт. Бозӣ дар байни 2 команда 6 каса дар майдони 9 × 18 м тӯрпӯшида мешавад. Хар як команда ҳаҷ мекунад, ки тӯб дар се зарба аз болои тӯр ба майдони ҳариф афтад ё ҳариф қонда бозиро ҳайрон карда тӯпро бармардонад. Дар миёнаҷои майдон тӯри баландиаш нисбатан мебаст. Баландии тӯр ба синну сол ва ҷинси бозигарон (2,24 то 2,43 м) вобаста аст. Мусобиқа аз 3 ё 5 давр иборат буда, ҳар як давр то даме давом мекунад, ки яке аз командаҳо соҳиби 15 хол гардад. Агар ҳисоб 14 : 14 сурат гирад, бозӣ то вақте давом мекунад, ки ҳарифе ду хол зиёд гирад. Мақсади бозӣ тӯпро бо зарб ба майдони ҳариф задан аст. Дар Тоҷикистон аввалин секцияҳои В. с. 1926 ташкил шуданд. Дар республика бо ин намуди спорт 79385 варзишгарон машғуланд, ки 256 нафарашон номзад ба устодии спорт ва соҳибони разряди якуманд (1977). Дар Монреаль (1976) командаҳои мардона ва занонаи СССР ҷои 2 юмро гирифтанд.

ВОЛЕҲ (Ф) Аликулихон (1712, Исфаҳон — 1757, Деҳли), шоири форсизабони Ҳиндустон. Азбаски гузаштагони В. аз мардуми Доғистон буданд, бинобарин ба Доғистонӣ ҳам нисбат ёфтааст. В. дар ҷавонӣ аз Исфаҳон ба Ҳиндустон рафта, фаъолияти адабиаш асосан дар он ҷо гузаштааст. Аз у 4000 байт қасида, ғазал ва рубоӣ боқӣ мондааст, вале бо таҳриру «Риёз-уш-шуаро», ки аз муқаддима, бисту ҳашт равза (боб) ва хотима иборат буда, шарҳи ҳоли 2500 шоирро дарбар гирифтааст, бештар шуҳрат дорад. Насри «Риёз-уш-шуаро» ба забони маснуъ нигориш ёфтааст. *Сабки ҳиндӣ*, ки дар он замоне хеле маъмул буд, дар эҷодиёти В. низ беасар намондааст. *А. Гаффоров*

ВОЛЕҲ (Ф) Эшонҳочаи Самарқандӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), шоири а. 19 тоҷик. Аз баъзе ишорагоҳои Воҳеҳ (дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб») бармеояд, ки В. дар с-ҳои 70-уми а. 19 барҳаёт будааст. В. нобино буда, камбағалона умр ба сар бурдааст. Эҳтиёҷи моддӣ маҷбур кардааст, ки амалдорони бонуфузро мадҳ кунад. Дар эҷодиёти В. фикрҳои зиддӣ тартиботи давр низ мушоҳида мешаванд. «Илму донишро нобошад қадр андар рӯзгор, Рутбааш бартар бувад онро, ки ҳоҷаш бартар аст»— гуфтааст шоир. Қисме аз ашъори ӯ дар баёз ва тазкирагоҳои охири а. 19 ва аввали а. 20 дучор меояд. *Т. Неъматзода*

ВОЛЖСКИЙ, шаҳр дар вил. Волгогради РСФСР. Бандар дар соҳили чапи д. Волга. Аҳол. 203 ҳаз. нафар (1977). Дар В. комбинати химия, з-дҳои подшипник, абрасивҳо, қубур, маснуоти оҳанубетонӣ, сафол, комб-ҳои гӯшт, равғану панир ва г. мавҷуданд. Техникуми политехникӣ, омӯзишгоҳи тиббӣ ва музеи таъриҳӣ дорад. С. 1951 В. баробарӣ сохтани ГЭС-и ба номи Съезди 22 КПСС бунёд ёфт. Аз с. 1954 — шаҳр.

ВОЛКОВ Владислав Николаевич (23. 11. 1935, Москва — 30. 6. 1971), лётчик-ҳайҳонинавардиҳои СССР, ду марот Қаҳрамони Иттиҳоди Советӣ (1969, 1971). Аъзои КПСС аз с. 1965. С. 1959 Ин-ти авиатсионии Москваро ҳатм карда, дар баъзе конструкторӣ кор кард. Аз с. 1966 дар отряди ҳайҳонинавардиҳо. 12—17 окт. 1969 дар киштии ҳайҳонии «Союз-7» (якҷоя бо А. В. *Филипченко* ва В. В. *Горбатко*) ба сифати бортинженер ба ҳайҳон парвоз намуд. Экипажи «Союз-7» бо киштиҳои ҳайҳонии «Союз-6» ва «Союз-8» қариб 3 шабонарӯз дар парвоз гурӯҳи буд. В. чун бортинженер дар ҳайати экипажи киштии ҳайҳонии «Союз-11» (якҷоя бо Г. Т. *Добровольский* ва В. И. *Пацаев*) бори дуюм ба ҳайҳон парвоз кард (6. июни 1971). 7 июни 1971 киштии нақлиётии «Союз-11» дар мадор бо станцияи илмии «*Салют*» васл шуда, якҷоя бо он қариб 23 шабонарӯз дар парвоз буд. Нас аз иҷрои программа 30 июни 1971 ҳангоми болгашт ба замин В. ва диг. аъзоёни экипажи «Союз-11» ҳалок гардиданд. Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст. Дар Майдони Сурхи ш. Москва дар деворӣ Кремль мадфун аст.

ВОЛЛАСТОНИТ (аз номи олими англис У. Х. Волластон), минерал, форм. химиявиаш $Ca_3(Si_3O_9)$; баъзан омехтаи оҳан дорад. Дар системаи триклинӣ кристалл мебандад. Кристаллҳояш тахта-тахтаи тунуки ҳамвор. Рангаш сафед, баъзан гулобӣ. Сахтиаш 5—5,5; зичиаш 2780—2920 кг/м³. В. ҳангоми метаморфизми контактии оҳаксангҳо (бо интрузияҳои гранитӣ) ба вуҷуд омада, ҳамроҳи пироксен, бечода, амфибол, кальцит, кварц ва г. дучор меояд. Дар Тоҷикистон дар конҳои скарнии қ. кӯҳҳои Ҳисор, Зарафшон, Курама, к-ҳои Помир ҳомехӯрад. В. барои тайёр кардани изолиторҳои электрикӣ, пахтаи минералӣ, фильтрҳои махсус ба кор меравад.

ВОЛОГДА, шаҳр, марказ вил. Вологдаи РСФСР. Истгоҳи киштиҳо дар д. Вологда. Узели р. о. Аҳол. 224 ҳаз. (1977). Соҳаҳои асосии саноат — мошинсозӣ ва коркарди металл. з-ди «Северный коммунар» (истеҳсоли дастгоҳҳои чуббурӣ, мошинҳои чубкаш ва г.), таъмири локомотиву вагон, таъмири механики (таъмири трактор ва мошинҳои х. қ., истеҳсоли кисмҳои эҳтиёт), подшипник, саноати хурокворӣ (комб-ҳои гӯшт, шир, з-дҳои равғанӣ, ликеру арақ, пиво) ва сабзӣ (ф-каҳои дуздидаӣ, мумиё, комб. мебель). В. ин ҷои педагогӣ, шир, 11 мактаби миёнаи махсус, театрҳои драма, лухтак, музеи ҳиҳвар шиносӣ, нигористони суратҳо, хонаи музеи М. И. Ульянова ва Петри I дорад. Осори меъмории калисоҳои ҷомеи София (1568—70) ва Воскресенск (1772—76), калисоҳои Константино-Еленинская (1649), Иоанн Златоуст (аз а. 18), насри семошёнаи Иосиф Золотой (1764—69) ва г.

В. а. 12 буньёд ёфтааст. Аз с. 1796 маркази губ. Вологда. То Рев. Октябрь маҳбусони сиёсиро ба В. бадарга мекарданд. С. 1894 дар В. аввалин кружоки марксистӣ ба вучуд омад. 12 (25) дек. 1917 Ҳокимияти Советӣ барқарор гардид. С-ҳои 1918—20 маркази асосии муборизаи бар зидди контрреволюционерон ва интервентҳои хоричӣ дар Шимол.

ВОЛОГДА, вилоят дар РСФСР. 23. 9. 1937 ташкил шудааст. Масоҳ. 145, 7 ҳаз. км². Аҳол. 1286 ҳаз. паф. (1977). Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 9 наф. Вилоят 26 район, 15 шаҳр, 11 птш дорад. Шаҳрҳои калонаш: Вологда, Череповец. Марказаш — ш. Вологда.

Вил. В. дар қисми шимолии ҳамвории Европаи Шарқӣ воқеъ. Рельефи қисми ғарбиаш моренавию кӯлӣ аст. Дар ин ҷо пастиҳои назди Онега ва Молога—Шексна, ҳамвории Белозёрск, қ-теппаҳои Андога, Белозёрск ва Кириллов, баландиҳои Андома ва Вепсҳо (нуқтаи баландтаринаш 304 м) ҷой гирифтаанд. Дар қисми марказӣ баландиҳои Вологда, Галич, Верхневажия, қ-теппаи Харовск, ҳамиҳои назди Сухона ва Чарозерск воқеанд. Иқлимаш континентии мӯътадил. Ҳарор. миёнаи июль 17—18° С, янв. —11°, —14° С. Боришоти солона 560—580 мм. Д-ҳои вил.: Сухона, Юг, Молога, Шексна. Кӯлҳо бисьёранд. Дарьё ва кӯлҳо ба ҳавзаи б. Балтика, Баҳри Сафед ва б. Каспий мансубанд. Д-и калонаш Сухона бо шохобаш Юг як шуда, Двинаи Шимолӣ ном мегирад. Ҳоки шимоли вил. хокистарӣ, дар Ҷ. чимтоли хокистарӣ, инчунин хокистарию глеӣ, ботлоқӣ ва аллювиалӣ. ²/₃ қисми терр. вил. бешазор, қариб 10% маргзор, қариб 12% ботлоқзор аст. Ҳайвоноташ — заргӯш, санҷоб, хирси бӯр, гург, рӯбоҳ, аз паррандаҳо — кабки хокистарранг, чувшӣ, дурроҷ шикорбобанд. Дар кӯлу дарьёҳо озодмоҳӣ (лосось), нельма, симмоҳӣ, судак, окунь ва ғ. бисьёранд. Дар назди обанбори Рыбинск қӯруқи ба номи Дарвин воқеъ аст.

Соҳаҳои асосии саноати волоят металлургияи сиёҳ (Череповец), чӯбтайёркунӣ ва чӯбгарӣ, мошинсозӣ (Вологда, Череповец), сабук (асосан коркарди катон) ва хӯрокворӣ. Аз ҳунарҳои нафиса тӯрбофӣ, саводкории нуқра ва бофандагӣ (матоъҳои гулдор) ривоҷ ёфтааст. Вилоят аз ҷиҳати тайёр кардани чӯб дар СССР яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Саноати химия тараққӣ кардааст (Череповец). З-ди шишаи Чагода яке аз корхонаҳои калонтарини мамлакат аст. Соҳаи асосии х. қ.— чорводорӣ (барои шир). 48% тамоми майдони корамро киштзори хӯроки чорво гирифтааст. Галладона, картошка, сабзавот, катон мекоранд. Аз чорвогов, бузу гӯсфанд ва хук парвариш мекунанд.

Тӯли р. о. 747 км, узели муҳимаш— Вологда. Аз терр. вил. роҳи обии

Волга—Балтикаи ба номи В. И. Ленин, системаи Двинаи Шимолӣ мегузарад. С. 1961 аз Поволжия то Череповец газопровод сохта шуд. Аз ҳудуди вилоят газопроводи «Сияние Севера» (Вуктыл — Рыбинск — Торжок) мегузарад.

Солҳо хониши 1974/75 В. 1385 мактаби таълими умумӣ, 42 омӯзишгоҳи касбию техникӣ, 29 мактаби миёнаи махсус, 4 ин-т (шир, политехникӣ ва педагогӣ дар Вологда; педагогӣ дар Череповец) дошт. Газетаҳои вил. «Красный север», «Вологодский комсомолец».

Ад.: Атлас Вологодской области, М., 1965; Зимин П. А., Дмитриевский Ю. Д., География Вологодской области, 5 изд., Вологда, 1972.

ВОЛОГЕ́З, Вологес, Валахш (портӣ Vilarsh, юн. қадим Vologesis, Violoqisis), номи силсилаи шоҳони Порт, ки тақрибан байни с-ҳои 51—222/23 ҳукм рондаанд.

В. I тақрибан с-ҳои 51—77 ҳукмронӣ карда, барои заминҳои кавказии Порт бо Рим муборизаи дуру дароз бурд. Дар аҳди ӯ Гургон ва Марв аз ҳайати давлати Порт ҷудо шуда, Арманистон аз итоат ба В. I сар печид. Байни с-ҳои 72—74 аз даштҳои назди Каспий ва Закавказия ба давлати Порт *аланҳо* зада даромаданд. Бародари В. I Пакор, ки ҳокими Мод буд, ба ҳуҷуми аланҳо тоб наовард. Давлати Порт дар аҳди В. I рӯ ба таназзул ниҳод.

В. II (с-ҳои ҳукмр. тақр. 105/6—147) бо римиён муносибатро андаке мӯътадил ва ҳаёти мамлакатро осоишта кард.

В. III с-ҳои 148—192 ҳукмронӣ карда, ба тақвияти ҳокимият ва қӯшун муваффақ шуд. С. 161 ӯ Арманистонро забт карда, аз д. Фурот гузашт ва ба Сурия даромад. Мардуми Сурия, ки аз ҳокимияти римиён норозӣ буд, ба қӯшуни В. III мадад расонд. Вале дере нагузашта қӯшунҳои Рим бо сардории Овидий Кассий ба армияи Порт шикаст дода, аз нав Байнаннаҳрайн ва Арманистонро забт намуд.

В. IV (с-ҳои ҳукмр. 192—211) аз нав бо Рим муборизаи кард. Вале с. 195 шикаст хӯрда, 197 Ктесифонро аз даст дод. Дар аҳди ӯ низоъҳои дохилии феодалҳо қувват ва баромадҳои оммаи авҷ гирифт, ки ҳамаи ин боиси суст шудани давлати Порт гардид.

В. V (с-ҳои ҳукмронаш 207/8—222/23) инқирози хонаводаро нигоҳ дошта натавонист. С. 213 намояндаи хонаводаи *Ашкониён Артабони V* барои тоҷу тахт муборизаи бурда, ҳудро ҳокими Мод эълон кард. Аввали с-ҳои 20-уми а. З м. хонаводаи Сосониён, ки аз Форс баромада буд, ба ҳукмронии В.-ро хотима гузошт.

Ад.: Дьяконов М. М., Очерк истории древнего Ирана, М., 1961.

И. Пьянков.

ВОЛОДА́РСКИЙ В. (фам. ва номи аслиаш — Гольдштейн Моисей Маркович) (1891, деҳаи Острополь ҳоло вил. Хмельницкий — 20. 6. 1918, Петроград), арбоби революция. Аъзои Партияи Коммунистӣ аз с. 1917. Аз оилаи косиб. В. с. 1905 аъзои Бунд буд, пас меньшевик шуд. С-ҳои 1908—11 дар губ-ҳои Волын ва Подольск кори революционӣ бурд. В.-ро борҳо ҳабс ва с. 1911 ба Архангельск бадарга карданд. С. 1913 ба Америкаи

Шимолй ҳиҷрат карда, дар он ҷо ба Партияи социалистии Америка ва Интернационали иттифоқи касабаи ҳайётон дохил шуд. Дар давраи ҷанги якуми ҷаҳони (1914—18) интернационалист. Маи 1917 ба Петроград баргашта, аъзои партияи большевикон шуд. Аъзои Комитети петербургии РСДРП(б) буд. Вакили Съезди 6-уми РСДРП(б) (1917). Баъди Рев. Октябрь комиссари оид ба матбуот, пропаганда ва агитация, муҳаррири «Красная газета». Вакили съездҳои 2—4-уми Советҳо, аъзои Президиуми КИМУ. 20 июни 1918 ҳангоми ба митинг рафтан дар роҳ аз тарафи эсере кушта шуд.

ВОЛОСТЬ, воҳиди территориявию маъмури дар Россия (а-ҳои 11—20), аз а. 15 қисми уезд. Дар Осиёи Миёна пиз пас аз ҳамроҳ карда шудан ба Россия ҷори шуд. Тамоми ҳудуди Осиёи Миёна (ғайр аз ҳудуди аморати Бухоро ва хонии Хева) ба вилоят, уезд ва В.-ҳо тақсим гардид. Дар ҳудуди тобеи генерал-губернатори Туркистон 5 вил., 27 уезд ва 603 волость мавҷуд буд. Баъди Рев. Октябрь терр. РАСС Туркистон ба 6 вил., 30 уезд ва 473 В. тақсим мешуд. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Советы дар натиҷаи байни деҳқонон тақсим кардани заминҳои помещикҳо В. ба қисмҳои ҳурдтарини маъмури тақсим шуд. Ислоҳоти с-ҳои 1928—30 системаи уезди ва волостьро ба район табдил дод.

ВОЛЧКОВ Николай Николаевич (тав. 23. 8. 1910, станцияи Лосино-Островская, ҳоло ш. Бабушкини вил. Москва), актёри советы Арт. Халқии СССР (1974). Аъзои КПСС аз с. 1946. С. 1935 Студияи маҳорати актёрии ш. Москваро ҳатм намуда, ба дастаи Театри драмаи Ленинград қабул шуд. С. 1937 ба Точикистон омада, дар таъсиси Театри давлатии драмавии русии ба номи Маяковский иштирок кардааст. В. иҷрокунандаи рольҳои асосии бештарин намоишҳои ин театр аст. В. аз асарҳои драмавии классикии рус, Европаи Ғарбӣ ва драматургияи советы бештар аз сад нақшҳои гуногунро бозидааст. Рольҳои асосиаш Миша («Задухура бахри зиндагонй» и М. Волина ва М. Шатров), Лопес («Руҳонии испанй» и Ч. Флетчер), Квашнин («Чавонии севом» и Бародарон Тур), Гориостаев («Любовь Яровая» и К. Тренёв), Окаёмов («Машенька» и А. Афиногенов), Достигаев («Егор Булычёв ва дигарон» и М. Горький), Аким («Дар зулмот» и Л. Н. Толстой). Кулдаи эҷодии В. иҷрои роли В. И. Ленин дар спектакльҳои театри мазкур («Соли пуртӯфон» и А. Каплер (1957), «Соати бурҷи Кремль» и Н. Погодин (1970), «Бо номи Революция» и М. Шатров (1973), операи «Дар тӯфон» и Т. Хренников (Театри давлатии ордени ленинӣ-ори опера ва балети ба номи Садриддин Айнй, 1972) мебошад. В. аз асарҳои драманависони муосири тоҷик ҳам рольҳои гуногунро чи мусбат ва чи манфиро офаридааст: раиси колхоз («Шуҳрати нек» и М. Рабиев, 1957), Эшони Мирзо («Достони Бибизайнаб» и С. Саидмуродов, 1965), Одина («Пайрахаҳои оташин» и М. Назаров, 1973). Бо 2 ордени Байраки Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрй» ва медалҳо мукофотонида шудааст. *А. Раҳимов.*

Н. Н. Волчков дар рольҳо: аз чап — В. И. Ленин («Соати бурҷи Кремль» и Н. Погодин, 1970), аз рост—Эшони Мирзо («Достони Бибизайнаб» и С. Саидмуродов, 1965).

ВОЛЫНОВ Борис Валентинович (тав. 18. 12. 1934, Иркутск), лётчики кайҳоннавардии СССР, полковник, дуқарат Қаҳрамони Иттифоқи Советй (1969, 1976). Аъзои КПСС аз с. 1958. Пас аз хатми Омӯзишгоҳи ҳарбии авиационии Волгоград (1956) дар қисмҳои авиацияи Армияи Советй хизмат мекард. Академияи ҳарбии ҳавоии инженерии ба номи Н. Е. Жуков ҳатм кардааст (1968). Аз с. 1964 дар отряди кайҳоннавардон. 15—18 июн 1969 дар киштии кайҳонии *«Союз 5»* якҷоя *бо* А. С. *Елисеев* ва Е. В. *Хрунов* чун командири киштй ба кайҳон парвоз намуд. В. ва командири киштии кайҳонии *«Союз-4»* А. *Шаталов* дар мадори киштиҳои кайҳониро ба ҳамдигар наздик ва васл карданд. Дар натиҷаи ин амалиёт кайҳоннавардон Елисеев ва Хрунов ба воситаи фазои кайҳонй ба ҳуҷраи *«Союз-4»* гузаштанд. В. дар муддати 72 с. 46 дақиқаи парвоз атрофи заминро 31 маротиба давр зад ва 2 млн км масофаро тай намуд. В. 6. 07. 1976 дар ҳайати экипажи киштии кайҳонии *«Союз 21»* якҷоя *бо* В. М. *Жолобов* маротибаи дуюм ба кайҳон парвоз намуд. Дар ин парвоз онҳо *ба* станцияи илмии мадории *«Салют 5»* гузаштанд. Баъди парвозҳои 48 шабонарӯза ва иҷрои программа *бо* ба киштии нақлиёти баргашта, 24. 08. 1976 ба замини фаромаданд. В. *бо* 2 ордени Ленин ва медалҳо мукофотонида шудааст.

ВОЛЫНСКИЙ Ион Геприхович (тав. 10. 8. 1912, ш. Лубнии вил. Полтава), рассоми советы, Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Тоҷ. (1974). Аъзои КПСС аз с. 1945. С-ҳои 1930—33 дар Омӯзишгоҳи рассомии Харьков таҳсил намуда, дар ҳонаи маданияти ҳамон ҷо рассом шуда кор кардааст. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанй. С-ҳои 1946—49 дар устоҳонаи рассомии эди «Нева» и ш. Ленинград кор кард. Аз с. 1949 ходими фонди бадеии ИР Точикистон аст. Аз с. 1951 дар намоишҳои республикавй, байнириспубликавй ва умумиитифоқи фаъолона иштирок намуд. Дар намоише, ки с. 1962 дар Душанбе ба муносибати 50-солагии В. барпо шуда буд, 100 асарҳо у пешниҳод гардид. Асарҳои В. бештар аз мусаввараҳои манзарави иборат. Дар байни мусаввараҳои у, ки аксарашон дар Музеи муттаҳидаи республикавии таъриҳи кишвариноси ва санъати тасвирии (ш. Душанбе) маҳфуз анд «Кӣшти пахта» (1953), «Бахор» ва «Лагери кӯҳнавардони Варзоб» (1956), «Сохтмони Н. и Кайроккум» (1957), «Бегоҳи» (1958), «Ленин *бо* бачаҳо» (1960), «Водии Ҳисор» (1961), «Дар соҳили Кофарниҳон» (1967), асари сегона бахшида ба Н. и Норак: «Сохтмони бузург» (1972), «Киштиҳои кабуд» (1973), «Баҳри Норак» (1974) ва «Рама дар кӯҳсор» (1974) *бо* маҳорати баланд офарида шудаанд.

ВОЛЫНЬ, баландии дар ғарби РССУ, байни д-ҳои Буг ва Корчик (ҳавзаи д. Случь). Баландиаш ба ҳисоби миёна 220—230 м, нуқтаи баландтаринаш — 341 м (Кряжи Мизоч). Релефаш аз ҷаву теппаҳо иборат аст. Баландии асосан аз таҳнишасти даврҳои карбон (ҳавзаи ангишти Львову Волынь) ва *таб*ошир таркиб ёфтааст. Ландшафташ *бешадашт.*

ВОЛЫНЬ, вилоят дар шимоли ғарби РССУ. 4. 12. 1939 таъсис шудааст. Бо РССБ ва Республикаи Халқии Польша ҳамсарҳад. Масоҳ. 20,2 ҳаз



км². Аҳол. 1010 ҳаз. наф. (1977), асосан украинҳо (94,6%), русҳо (4,2%) ва миллатҳои диг. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 50,0 наф. Дар вил. 15 район, 10 шаҳр, 21 птш ҳаст. Ш-ҳои калонаш: Луцк, Нововолынск, Ковель, Владимири Волынь. Марказаш — ш. Луцк.

Рельефи вил. асосан ҳамвор. Қариб аз ³/₄ ҳиссаи терр. он дар пастии Полесия, камтараш дар қисми канории шим. ғарбии баландии Волынь ҷойгир аст. Аз сарватҳои зеризаминӣ муҳимтаринаш ангиштсанг (ҳавзаи ангиштсанги Львову Волынь), инчунин торф, оҳаксанг ҳаст. Иқлимаш континентии мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв. —4, —5° С, июль 18—19° С. Боришоти солона 550—600 мм. Д-и калонаш Припять, шохобҳои он — Стырь, Стоход, Турья. Қад-қади сарҳади Польша д. Буг ҷорист. Кӯлҳо— Свитязь, Пулемец ва ғ. Дар Шим., қисми Полесия, ҳоки вил. чимтоли хокистарӣ; асосан бешаҳои сӯзанбарг мерӯянд. Ҷануби вил. — бешадашт, хокаш хокистарранг, тирахок ва сиёҳзамин. Зиёда аз 20% терр. вил-ро бешаю буттазор фаро гирифтааст.

Соҳаҳои асосии саноаташ: хӯрокворӣ, сӯзишворӣ, коркарди металл ва чӯбгарӣ. Саноати хӯрокворияш дорои якчанд з-дҳои нави қанд, комб-ҳои гӯшти Луцк, Ковель ва диг. корхонаҳост. Саноати сӯзишворияшро конҳои ангишти ҳавзаи Львову Волынь таъмин мекунанд. Мошинсозӣ ва коркарди металл асосан дар Луцк, комб-ҳои чӯбгарӣ ва ф-каҳои мебель дар Цумань, Киверцы, Ковель ҷойгиранд. Саноати масолеҳи бинокорӣ низ тараққӣ меёбад (Луцк, Нововолынск, Ковель ва ғ.). ГРЭС-и нави Добротвор (вил. Львов) базаи энергетикии хоҷагии халки вил. аст. Фонди замини вил.— 1511 ҳаз. га, аз ҷумла 1079 ҳаз. га майдони умумии х. қ. аст. Зироати асосӣ: ғаллаи тирамоҳӣ, ҷавдор, ҷав. Зироатҳои техникӣ—лаблабуи қанд, катон, розак (хмель). Ҷорводорӣ барои гӯшту шир ривоҷ ёфтааст. Саршумори ҷорво (ба ҳисоби ҳаз. сар, 1972): гов — 700, хук — 500, бузу гӯсфанд — 100. Моҳидорӣ ва паррандапарварӣ низ дар хоҷагии вил. мавқеи муҳим дорад.

Тӯли р. о. 582 км. Магистральҳои асосиаш Киев — Брест, Львов — Луцк — Ленинград. Узели асосии р. о.— Ковель. 2 ҳаз. км роҳҳои мошингард дорад. Д. Стырь — киштигард.

Вилоят соли хониши 1974/75 983 мактаби таълими умумӣ, 17 омӯзишгоҳи касбию техникӣ, 18 мактаби миёнаи махсус, ин-ти педагогӣ дошт. Инчунин 775 китобхонаи оммавӣ, театри мусиқию драма, музеи кишваршиносӣ кор мекард. Газетаи вил.— «Радянська Волинь». *Р. А. Заездный.*

ВОЛЬТ, воҳиди фарқи потенциалҳо, шиддат ва қувваи электрҳаракатдиҳанда (ҚЭҲ) дар *Системаи воҳидҳои байналхалқӣ.* Мавсум ба А. Вольта, олими италиявӣ. Ишорааш В. Вольт шиддати электре мебошад, ки ҳангоми 1 ватт будани иқтидор дар занҷир ҷараёни доимии қувваш 1 амперро меангезад, яъне: 1 *В* = 1 *Вт*/1*А*. Е В. шиддат ё ҚЭҲ-е, ки дар ноқили муқовиматаш 1 ом ҷараёни 1 амперро меангезад, яъне: 1*В*=(1 *Ом*) · (1*А*).

ВОЛЬТА (Volta) Алессандро (18. 2. 1745, Комо — 5. 3. 1827, ҳамон ҷо), физик ва физиологи италиявӣ. Муаллими физикаи гимназия дар Комо (1774—79), проф. Ун-ти Павия (1779) ва директори фак-ти философия дар Падуя. Тадқиқоти ӯ ба электрик, химия ва физиология оиданд. В. якчанд асбоби электрикӣ (электрофор, электрометр, конденсатор ва ғ.) ихтироъ кард. С. 1776 гази сӯзанда — метанро ёфт ва тадқиқ намуд. Ӯ аввалин манбаи ҷараёни доимиро сохт (1800). Дар нуқтаи тамоси ду металли гуногун ба вуҷуд омадани шиддати электрикӣ ва хосиятҳои электрикии организми зиндаро ошкор намуд. Воҳиди шиддати электрик — *вольт* мавсум ба ӯст.

ВОЛЬТА (Volta), дарьё дар Африкаи Ғарбӣ. Ҳудуди давлатҳои Гана, Вольтаи Боло, Бенин, Соҳили Оҷ ва Тогоро бурида мегузарад. Аз як шудани д-ҳои В.-и Сафед ва Сиёҳ ташкил меёбад. Тӯлаш (бо д. В.-и Сиёҳ) тақрибан 1400—1600 км. Масоҳ. ҳавзааш 388 ҳаз. км². Ба хал. Гвинея рехта, дельта ташкил медиҳад. Остонаҳои зиёде дорад. Шохобҳои калонтаринаш Оти, Дака (аз чап), Афрам (аз рост). Моҳҳои сент.—окт. обхези шуда, сатҳи об то 14 м баланд мешавад. Аз резишгоҳ то 400 км киштигард. Аз В. моҳӣ медоранд (дар обҳои ҳавзаи д. В. қариб 400 намуди моҳӣ ҳаст). Маҳалҳои асосии тиҷорат: Кете-Крачи, Кпонг, Кпанду. Дар В. 11 паром, обанб. Вольта ва ГЭС-и калони Акосомбо (дар Гана, 0,6 млн кВт) сохта шудааст.

ВОЛЬТАИ БОЛО́, (Haute-Volta), Республикаи Вольтаи Боло (Repulique de Haute-Volta) давлат дар Африкаи Ғарбӣ. Бо Мали, Нигер, Республикаи Халқии Бенин, Того, Гана ва Соҳили Оҷ ҳамсарҳад аст. Масоҳ. қариб 275 ҳаз. км². Аҳол. 5,74 млн наф. (1975). Пойтахташ — ш. Уагадугу. Аз ҷиҳати маъмурӣ В. Б. ба 10 префектура (вилоят) тақсим мешавад.

В. Б.— республика. Дар В. Б. февр. 1974 табаддулоти ҳарбӣ ба амал омад, ки дар натиҷаи он тамоми ҳокимияти қонунбарор ва иҷроия ба дасти президент гузашт. Органи олии қонунбарор — Маҷлиси миллӣ пароканда шуда, конституцияи с. 1970 эътибори худро гум кард ва ҳамагуна фаъолияти сиёсӣ ва тамоми партияҳои сиёсӣ манъ карда шуд.

Табиат. Рельефаш пуштакӯҳи ноҳамвор (баландиаш 200—500 м), баландии баъзе кӯҳҳо то 750 м мерасад. Конҳои тилло, манган, мис ва маъдани уран, оҳаксанг ва гаҷ дорад. Иқлимаш экваториии муссонӣ, аз нояб. то март хушк. Ҳарор. миёнаи моҳона аз 24—26° С (дек. ё янв.) то 30—35° С (апр. ё май). Боришоти солона 500—1000 мм. Д-ҳои асосӣ: Вольтаи Сиёҳ ва Сафед. Хоки В. Б. сурх ва сурхи тира. Ба В. Б. саваннаҳои муқаррарии алафашон баланд ва инчунин саваннаҳои камдарахт ва паттазор хос аст. Тақрибан 9% масоҳати В. Б. ҷангалзор аст. Дар ин ҷо шер, паланг, фил, говмеш ва бузи ваҳшӣ вомехӯрад.

Аҳолӣ. Қисми асосии аҳолиро халқиятҳои моси (беш аз 50%), лоби, бобо, мбуин, гурма, сенуфо, фульбе туарегҳо ва диг. ташкил медиҳанд. Аз ³/₄ қисми аҳолӣ эътиқодмандони дину оини анъанавии маҳаллианд, Европоиён (франсавиён) тақрибан 4 ҳаз. наф. Мусулмонон 1,2 млн, католикҳо 220 ҳаз. наф. Забони расмӣ — франсавӣ. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 19 наф. Ш-ҳои калон — Уагадугу (155 ҳаз. наф., 1973), Бобо-Диуласо ва Кудугу.

Очерки таъриҳӣ. Аввалин сохти давлатӣ дар ҳоки В. Б. а-ҳои 11—14 ба вуҷуд омада буд. Яке аз тавонотарин давлатҳо дар қисми марказии мамлакат Моси ва Ятенга ва дар қисми шарқии он Гурма воқеъ буданд. С. 1896 қӯшунҳои Франция ба ҳоки В. Б. ҳуҷум оварда, ба муқобилати сахт дучор гардиданд. Танҳо с. 1901 ба мустамликадорони франсавӣ муяссар шуд, ки ҳукмронии худро дар мамлакат пойдор гардонанд. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳаракати зиддиимпериалистӣ вусъат ёфт.



С. 1947 дар Вольта секцияи Иттиҳодияи демократии Африка (ИДА) ташкил шуд. Болоравии ҳаракати миллии озодихоҳии ҳукумати Франсияро маҷбур кард, ки ба ваҳдономи истиклолияти В. Б. имзо кунад (11 июни 1960). Истиклолияти В. Б. 5 авг. 1960 расман эълон карда шуд. В. Б. аз Иттиҳодияи Франция бароморда бошад ҳам, бо он якчанд ваҳдоноҳо баст.

Ҳукумати В. Б. дар соҳаи ичтимоию иқтисоди роҳи ривочи сохибкории хусуси ва ба мамлакат ҷалб намудани капитали хориҷиро (аз Франция, ШМА ва РФГ) пеш гирифт. Аъзои Ташкилоти иттиҳоди Африка (ТИА) буда, ба Ташкилоти умумии Африқо маврикӣ (ОКАМ), ба Иттиҳоди иқтисодии мамлакатҳои Африкаи Ғарбӣ (СЕАО) ва г. дохил аст.

Алоқаи дипломатӣ байни В. Б. ва СССР с. 1967 ба роҳ монда шуд. Дар байни ҳар ду мамлакат февр. 1967 доир ба ҳамкории илмӣ-мадании ва марти 1968 доир ба савдо соҳишнома ба имзо расид.

Хоҷаги. В. Б. мамлакати ҳеле кафомондаи аграрист. Дар иқтисодиёти он капитали Франция (85% тамоми маблағгузорӣ) ҳукмрон мебошад. Баъди эълон гардидани истиклолият дар роҳи тараккии иқтисодиёт баъзе тадбирҳо андешида шудаанд. Июни 1972 плани панҷсолаи дуюми тараккиёти иқтисоди ва ичтимоии В. Б. (1972—76) қабул гардид. Мувофиқи план қисми зиёди маблағгузорӣ барои васеъ намудани истеҳсоли ашёи хом ва секторҳои саноатии ҳозира ҷудо шудааст.

67% маҳсулоти умумиро ҳ. к. медиҳад. Типи асосии хоҷаги — майда-деҳқонӣ. Чорводорӣ соҳаи асосии хоҷагист. Дар 9% заминҳои корам ҷой, ҷоҷувори, арзан, ҷуворимакка, шолӣ ва чормаҳзи замини мекоранд. Аз зироатҳои техникӣ пахта кишт карда мешавад.

Қариб 20% маҳсулоти умумии миллиро саноат медиҳад. Соҳаи асосии саноат: з-дҳои равган, пахта, шолитозакунӣ, ҚАНД ва чарм. Корхонаҳои саноати асосан дар ш-ҳои Уагадугу ва Бобо-Диуласо ҷой гирифтаанд. Тули р. о. В. Б. (Абиҷон-Уагадугу) — 517 км, роҳҳои мошингард — 17,5 ҳаз. км. Мамлакат 2 аэропорти калонӣ байналхалқӣ (дар Уагадугу ва Бобо-Диуласо) дорад.

В. Б. асосан чорво, гӯшт, чарм, пуст, чормаҳзи замини, пахта ва кунҷит экспорт намуда, хуроквори, маҳсулоти нефть, маснуоти химиявӣ, молҳои саноатӣ ва воситаи наклиёт импорт мекунад. В. Б. бо Франция, Сохили Оҷ., Сенегал, Мали ва дигар мамлакатҳо равобити тиҷорати дорад. Воҳиди пул — франки африкоӣ.

Нигаҳдории тандурусти. С. 1972 дар мамлакат 3 госпитали дорои 520 кат (дар Уагадугу, Бобо-Диуласо ва Уахигуйа) буд. 73 дуҳтур, аз он ҷумла 55 дуҳтури хориҷӣ (асосан франсавиҳо) кор мекарданд. Ба ҳисоби миёна ба ҳар 91 400 нафр аҳолӣ 1 дуҳтур рост меояд. С. 1962 дар Уагадугу мактаби ҳамшираҳои тиббӣ ташкил карда шуд.

Маданият. Ҳукмронии тулонии мустамликадорони Франция ба пешрафти маданият ва маорифи мамлакат таъсири манфӣ расонд. Зиёда аз 90% аҳолӣ — бесаводҳо. Танҳо 10% бачагони синни мактаби мехонанду ҳалос. Мамлакат 600 мактаб (106 ҳаз. ҳонанда) дорад. Дар мактабҳои олӣ зиёда аз 1000 студент мехонад, аксарияти онҳо дар донишкадаҳои хориҷа, аз ҷумла дар СССР, таҳсил менамоянд. Маркази маълумоти олӣ дар Уагадугу аст. Таълим дар мактабҳо ба забони франсавӣ мегузарад. Мӯҳлати таҳсил дар мактаби қишлоқ 3 сол, дар мактаби ибтидоӣ 6 сол ва дар мактаби миёна 7 сол аст. Барои бачагони 6—14-сола таълими ибтидоӣ ҳатмӣ ва бепул (аз с. 1965) мебошад. Ҷамъияти ҳамкорию ёрии мадании ва хоҷаи ҷавонон таъсис гардидааст (дар Уагадугу).

ВОЛЬТ-АМПЕР, воҳиди иқтидори пурраи ҷараёни тағъиребанда. Ишораташ ВА ё VA. Иқтидори пурраи ҷараёни тағъиребанда чун ҳосили ларзи қимати амалии ҷараёни дар занҷир (бо А-ҳо) ва шиддат дар клеммаҳои он (бо В-ҳо) муайян карда мешавад. Қимати амалии ҷараён ва шиддатро бо *амперметр* ва *вольтметр*ҳои ҷараёни тағъиребанда ченӣ мекунанд.

ВОЛЬТЕР (Voltaire) (тахал., ном ва фам. аслиаш Мари Франсуа Аруэ, 21. 11. 1694, Париж — 30. 5. 1778, ҳамон ҷо), нависанда, файласуф ва муаррихи франсавӣ. Аъзои Акад. Франция (1746). Дар фалсафа деист буд. Асарҳои таърихиашон «Асри Людовики XIV» (нашрҳои 1751 ва 1768), «Гузориши урфу одат ва рухиёти халқҳо» (1756), «Таъриҳи империяи Росия дар аҳди Пётри Кабир» (1759—63) як марҳалаи муҳимми илми таъриҳшиносии Европа гардиданд. В. ба шоҳону лашкаркашон не, ба таъриҳи ҳуҷҷатҳо, урфу одат, расму оин ва маданияти онҳо диққат медод. Дар эстетика ва драматургия В. анъанаҳои классиҳоро а. 17 ро давом дода, дар ҳаҷвиҳояш фикрҳои актуалии сиёсӣ ва фалсафиро дарҷ менамуд. Дар ҳаҷвиаш «Таассуб ё ҳуҷ. Мӯҳаммадӣ пайғамбар» (1742) роли чиноиткоронаи калисо ва таассуби динро фош мекунад. Дар эҷодиёти бадеии В. аз ҳама бештар повестҳои фалсафӣ аҳаммият доранд: «Содик ё Тақдир» (1748), «Кандид ё ҳуҷ. Оптимизм» (1759, тарҷ. тоҷ. 1963), «Соддалавҳ» (1767) ва г. В. сюжетҳои пур мочаро ва таҳайюлиро истифода бурда, инкишофи онро ба мухокимаҳои фалсафӣ тобеъ кардааст. Системаи феодалӣ, мутлақ, калисо ва динро танқид кардани В. дар фаро расидани революцияи буржуаӣ охири а. 18 и Франция роли бузург ба ҳисоб.

Ад.: Анимова А. А., Вольтер, М., 1970.

ВОЛЬТИНИЗМ — вольтинӣ, ноҳия (итал. volta — давр, дафъа), ҳолиятӣ соле аз як то якчанд маротиба ҳосил додани ҳашарот. Ҳашароти як ду ва ё якчанд маротиба ҳосилдиҳанда дорои мувофиқан моно-вольтинӣ, би-вольтинӣ ва поливольтинӣ мебошанд. Ба ҳашароти моновольтинӣ кайҳои хокӣ, малах, ҳанаи ҷаллаҳона ва г. дохил мешаванд. Мевахураи себ ва

карамхўрак дар шимол моновольтинӣ ва дар ҷануб поливольтинӣ мешавад. Кирмаки абрешим соле аз 1 то 8 маротиба насл медиҳад. Шапалаки кирмаки абрешими бивольтинӣ ба шароитҳои гуногун тобовару зудрас буда, нисбат ба шапалаки моновольтинӣ хурд ва сифати пиллаи кирмакаш паст мебошад.

Ад.: Михайлов Е. Н., Ковалев П. А., Селекция и племенное дело в шелководстве, М., 1956; Бей-Биенко Г. Я., Общая энтомология, М., 1966.

ВОЛЬТМЕ́ТР, асбобест барои чен кардани қувваи электрҳаракатдиҳанда (ҚЭҲ) ё шиддати занҷирҳои электрикӣ. В. ба манбаи энергия ё ба бори шабакаи электр параллель пайваста мешавад.



Схемаи пайвасти вольтметр: а) таҳти бори шабакаи электрикӣ; б) тавассути трансформатор.

Асбоби «нишондиҳандаи қувваи электрик», ки физики рус Г. В. Рихман кашф кардааст (1745), В.-и аввалин ба ҳисоб меравад. Принципи кори ин асбобро дар В.-и электростатикии замонавӣ истифода мебаранд. В.-и электромагнитӣ дар лавҳаҳои тақсимоти станцияи электрикӣ, объектҳои саноатӣ ва лабораторияҳо чун асбоби стационарӣ истифода мешавад. Нишондиҳандаи ин гуна В. вобаста ба басомад тағйир меёбад. Аграчи В.-и магнитоэлектрикӣ ҳассосу саҳеҳ аст, вале танҳо барои чен кардани шиддати ҷараёни доимӣ ба кор меравад. Он фақат тавассути табдилдиҳандаҳои термоэлектрикӣ, нимноқилӣ ва ғ. шиддати занҷирҳои ҷараёни тағйирёбандаро низ чен хоҳад кард.

ВОЛЬФРА́М (лот. Wolframium), W, элементи химиявии гурӯҳи VI системаи даврии Менделеев; рақами ат. 74, массаи ат. 183, 85. С. 1781 дар намуди ангидриди В. (WO_3) К. Шееле кашф кард. В.-и табиӣ аз 5 изотоп иборат аст. Изотопҳои радиоактиви сунъии В. низ маълуманд. В. дар қишри Замин ба ҳисоби миёна $1 \cdot 10^{-4}$%, дар таркиби минералҳо (*вольфрамит*, *шеелит* ва ғ.) вуҷуд дорад. В. металли хокистарранг, t гуд. 3410 ± 20° С, t ҷӯш 5900° С, зичиаш 19300 кг/м³, аз ҷиҳати химиявӣ хеле собит. В. дар пайвастҳояш аз 2 то 6 валента аст. Ҳангоми гарм кардан бо оксиген, галоген (ғайр аз фтор, ки бо В.-и хока дар ҳарорати муқаррарӣ пайваст мешавад), нитроген, карбон ба реакция медарояд, бо гидроген пайваст намешавад. Дар ҳарорати муқаррарӣ кислота (ғайр аз омехтаи кислотаи нитрату фторид) ва ишқор (бе оксиген) ба В. таъсир намерасонанд. Дар Ин-ти химияи АФ РСС Тоҷ. доир ба ҳосил кардан ва омӯхтани пайвастҳои хлоридии В. тадқиқот мебаранд. Муҳимтарин пайвастҳои В. сеоксиди В. WO_3 кислотаи вольфрамат ва намакҳои он мебошанд. В.-ро дар саноат аз маъданҳои вольфрамӣ ҳосил мекунанд. В.-и холисро бо усули вайронкунии шашхлориди В. дар вакуум бо ҳарорати баланд ҳосил мекунанд. Аз В. сими рӯшноидиҳандаи лампочкаҳои электрӣ, контакти электроаппаратура, катоди лампаҳои генераторӣ, найчаҳои рентгенӣ ва ғ. месозанд. В. ба таркиби хӯлаҳои аз ҳад сахт дохил мешавад. Пайвастҳои В. (хусусан WO_3 ва WC) заҳрноканд. Заҳролудшавии организм бо В. боиси касалиҳои гуногуни шуш мегардад.

ВОЛЬФРАМИ́Т, минерал, формулаи химиявиаш Mn, $Fe(WO_4)$. Системаи кристаллбандиаш моноклинӣ, кристаллҳояш призмашакл, чун агрегатҳои донадор низ вомехӯрад. Хели мангандори В. гюбнерит $Mn(WO_4)$, оҳандори В. ферберит $Fe(WO_4)$ ном дорад. Ранги В. бӯри сиёҳтоб, гюбнерит—сурхча, ферберит — сиёҳ. Ҷилои алмосӣ дорад. Сахтиаш 5—5,5; зичиаш 6700—7500 кг/м³. Дар рагҳои гидротермалӣ, грейзенҳо, рагҳои пегматитии дохили массивҳои гранитӣ ҳамроҳи висмутин, касситерит, молибденит, арсенопирит ва ғ. дучор мешавад. В. барои ҳосил намудани вольфрам маъдани муҳим аст. Конҳои калони В. дар Хитой, Бирма, ШМА, Португалия ва ғ. мавҷуданд.

ВОЛЮНТА́РИЗМ (лот. voluntas — ирода), равияи идеалистӣ дар фалсафа, ки иродаро асоси ҳамаи мавҷудот, сабаби нахустини таъриҳ донista, онро ба қонунҳои объективии табиат ва ҷамъият муқобил мегузорад. Ду навъи В.— объективӣ ва субъективӣ маълум аст. Решаҳои В. аз аҳком ва таълимоти динӣ дар бораи иродаи илоҳӣ чун асоси нахустини ҳастӣ сар мезанад. Дар фалсафаи классикии немис ирода ва хирад як чиз донista мешуд. Аз ин ҷост, ки И. Фихте иродаро офаридгори ҳақиқат эълон кард. А. Шопенгауэр В.-ро ҳамчун ҷараёни махсус нишон дода, онро чун мабдаи нахустини номаълум, донистанашаванда, бемақсад мешуморид. В. имконияти фаъолиятеро, ки ба донистани қонунҳои объективии олам асос меёфт, инкор карда, таъриҳи ҷамъиятро аз субъективизми В. иборат медонад. В. яке аз манбаъҳои идеологияи *фашизм* гардид. Социологияи субъективии халқчигӣ, анархизм, сиёсати дохилӣ ва хориҷии *маоизм* мисоли В. дар сиёсат мебошанд. В. моҳиятан ба идеология ва сиёсати империализми ҳозира хос аст. Марксизм ба ҳамагуна зуҳуроти В. зид аст. *В. Приписнов.*

«ВОМИҚУ АЗРО́» وامق و عذراء достони ошиқонаи машҳури адабиёти форс-тоҷик. Асли достон юнонӣ, воқеаҳои замони Поликрати Самосиро (таҚр. с. 535 то м. ба тахт нишастааст) дарбар мегирад. Нусхаҳои паҳлавии «В. А.» дар замони Хисрави Анушервон (531—579) мавҷуд будаанд. Дар а. 8 Саҳл ибни Ҳорун (ваф. 830) «В. А.»-ро ба арабӣ (шояд аз паҳлавӣ) гардондааст. Дар а. 11 «В. А.»-ро *Унсурӣ* дар вазни мутақориб ба риштаи назм кашид, ки имрӯз аз он қариб 600 байт боқист. Воқеаи достони Унсурӣ дар Самос (Samos) — яке аз ҷазираҳои Юнон гузашта, ба ҷуз Вомиқ ва Азро номи ҳамаи персонажҳои достон юнонӣ ё юнонитаҚлиданд: падари Азро — Фулукрот (аслаш Polucrates), падари Вомиқ — Макзитус, қаҳрамонони диг.: Фалотус, Тугуюс, Дамханивус ва ғ. Эҳтимол номҳои арабӣ барои қаҳрамонҳои асосӣ аз замони Саҳл ибни Ҳорун пайдо шуда бошанд. «В. А.»-ро дастар Абӯрайҳони Беруни (973—1048) ба забони арабӣ таҳрир карда, Амир Фарҳорӣ (а. 11) ва Фасеҳии Ҷурҷонӣ (1049) онро ба риштаи назм кашидаанд. Вале аз ин асарҳо чизе боқӣ нест. Баъд дар а-ҳои 12—15 оҳистаоҳиста вақоеъи «В. А.» ба қиссаҳои «Лайлӣ ва Мачнун» гузашта, худи он аз равнақ мемонад.

Дар охири а. 15 «В. А.» аз нав дар адабиёти форс-тоҷик пайдо шуд, вале ин достонҳо бо асли юнонии асар ва достони Унсурӣ алоқа надоранд, балки аз қиссаву афсонаҳои гуногун таҳзим ёфта, танҳо номи «В. А.»-ро гирифтаанд. Достонҳои «В. А.»-и *Қатилии* Бухорӣ (а. 16), Сулҳӣ, Шуайби Ҷушқонӣ, *Замирии* Исфаҳонӣ (ваф. 1579), Сарфии Кашмирӣ (1502—95), Навъии Хабушонӣ (ваф. 1610, бо унвони «Сӯзу гудоз»), Қисматии Астарободӣ (а. 17), Номии Мӯсавӣ (ваф. 1768), Ҳусайнии Шерозӣ (ваф. 1835) ва ғ. аз он қабиланд, ки воқеаи ҳар кадом дар кишварҳои мухталиф ҷараён меёбад. «В. А.» дар адабиёти форс-тоҷик таҳрири насрӣ ҳам дорад, ки намунааш «В. А.»-и Иродатхони *Возеҳ* (ваф. 1687) аст. Дар нимаи дуюми а. 18 Мирзоиброҳими Кирмонӣ «В. А.»-ро аввал ба назм, сонӣ ба назму насри омехта таҳрир кардааст, ки нусхаҳои зиёде аз он боқист. Аз а. 15 сар карда «В. А.» аз адабиёти форс-тоҷик ба дигар адабиёти халқҳои Шарқи исломӣ гузаштан гирифт. Ҳоло чандин тарҷумаи туркӣ, кашмирӣ, пушту, ӯзбекӣ, урдуи он маълум аст. Аз «В. А.»-ҳои форсӣ-тоҷикӣ таҳрири Мирзоиброҳими Кирмонӣ (1958), Навъӣ (1964) ва Унсурӣ (1967) ба табъ расидаанд. Дар таълифоти адабиётшиносони имрӯзаи мо номи Азро дар шакли Узро низ дучор меояд. *А. Афсаҳзод.*

ВОНА, воҳиди пули РХДК, ки дек. 1947 ба ҷои иена ҷорӣ шудааст. Як В. ба 100 чон тақсим мешавад. Мувофиқи қурби расмии Банки давлатии СССР (февр. 1978) 100 В. ба 74 сӯму 93 тин баробар аст.

ВОНСОВСКИЙ Сергей Васильевич (тав. 2.9.1910, Тошкент), физики совети, акад. АФ СССР (1966; аъзо-корр. 1953), раиси Президиуми марказаи илмии Уралии АФ СССР (1971), Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1969). Ин-ти Ленинград-ро ҳатм карда аст (1932). С-ҳои 1932—39 дар Ин-ти физикаи техникии Урал (Свердловск), 1939—47 дар Ин-ти металлшиноси, металлофизика ва металлургии филиали Уралии АФ СССР кор кард. Аз с. 1947 дар Ин-ти физикаи металлҳои АФ СССР кор мекунад. Асарҳои В. ба назарияи хусусияти магнитиву электрикии металлҳо ва нимноқилҳо, ба назарияи ферромагнетизм ва назарияи фавқунноқилият бахшида шудаанд. Дар якҷоягӣ бо С. И. Шубин модели қутби ва *S-d* модели ферромагнетикҳоро пешниҳод кард. Дар асоси ин модельҳо В. бо ҳамкоронаш назарияи умумии ферромагнетикҳоро дар наздиқии нуқтаи Кюри бунёд кард, қасри будани қимати моментҳои атом ва базле хусусиятҳои кинетикиро тафсир дода, таъсири мультиплетноки ионҳои магнитии ин моддаҳоро ба назарияи эътибор гирифт. Бо ордени Ленин, 2 ордени диг. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВОРАС وارث Абдулбақои Бухорӣ (с. тав. ва ваф. номаълум), адиби тоҷик, тақрибан байни а-ҳои 17—18 умр ба сар бурдааст. Доир ба чараёни зиндагиаш маълумоти аниқе нест. В. бештар бо асарҳои насриаш «Баҳрут-таворих» (шоҳномаи насри) ва «Мусайабнома» машҳур аст. Аз у як девони ашъор ва чанд рисолаи илмию адаби (чунончи «Рисола дар ҳалли абёти мушкила») низ боқӣ мондаааст. Забони осори В. бисёр содда ва равон аст.

А. Акроев.

ВОРАСТАИ СИЕЛКУТӢ وارستهٔ سیالکوتی (с. тав. номаълум — ваф. 1766, ш. Дерагозиҳои Ҳиндустон), адиб ва луғатнависи форсизабони а. 18 Ҳиндустон. В. С. сокини Лоҳур буда, муосирон барои таълифоти дақиқаш Ворастаи Муҳаққиқ низ ном мебурданд. У шеър Муҳаммадалии Сиёлкутиро (ваф. 1737) устоди худ номидааст. В. С. осори зиёде: «Матлаъ ус-саъдайн», «Сифоти коинот ё ачоиби тарсиба», «Чавоби шофӣ ё раҳм ушшаётин», «Чунти рангоранг ё таҳрири Ворастаи», «Ҳаққи ҳаққ» ва г. бо ин гуфтааст. Аммо у пеш аз ҳама чун муаллифи луғати тафсирии «Мусталаҳот ушшуарро» ё «Мусталаҳоти Ворастаи» (таснифаш 1736) машҳур аст. «Мусталаҳот ушшуарро» мувофиқи тартиби алифбо (аз рӯи ҳарфи аввал ва сонӣ) сохта шуда, тақрибан 2000 калима ва ибораро дарбар гирифтааст. Ин фарҳанг с. 1853 дар ҳошияи «*Баҳори Аҷам*» ва бори дуюм с. 1898 алоҳида дар Лаҳнав ба табъ расидааст.

Ад.: شهریار نقوی. فرهنگ نویسی فارسی در هند و پاکستان. تهران، ۱۳۴۱ ه. ش.

А. Самадов.

ВОРИДОТ, и м п о р т, ба бозори дохилии мамлакат барои фурӯш аз хорича овардани мол.

ВОРКУТА, шаҳр дар РАСС Коми, дар соҳили д. Воркута. Ст. р. о. Аҳол. 96 ҳаз. наф. (1977). Маркази калони истеҳсоли ангишт дар ҳавзаи ангишти Печора. Комб. чуб, з-дҳои механики, таъмири механикӣ, масолеҳи бинокорӣ (цемент, ҳонасозӣ, маснуоти оҳану бетонӣ, хишт) ва ф-каи мургшаркарӣ мавҷуданд. Ин-ти тадқиқоти илмии Печора оид ба ангишт, филиали Ин-ти кӯҳкории Ленинград, техникуми кӯҳкорӣ, омӯзишгоҳи тиббӣ, театрҳои драмаю лухтак, маркази телевизиони дорад. Бунёдаш с. 1931.

ВОРОНЕЖ, шаҳр, маркази вил. Воронежи РСФСР (аз 1934). Дар соҳили д. Воронеж воқеъ аст. Узели р. о. Аҳол. 779 ҳаз. наф. (1977). В. яке аз марказҳои калони саноатии мамлакат ба шумор меравад. Дар ин ш. корхонаҳои саноати мошинсозӣ (з-дҳои экскаватор, таҷҳизоти оҳангарию пресс-ҳои вазнини механикӣ, таҷҳизоти маъданҳозакунӣ, дастгоҳсозӣ, мошинҳои х. к., радиоприёмникӣ телевизорҳо, таъмири вагонҳо ва г.), химия (з-дҳои каучуки синтетӣ, фармасевтӣ), масолеҳи бинокорӣ (з-дҳои конструкцияи оҳану бетонӣ, хишт ва г.), саноати сабук (ф-каҳои пойафзол, дузандагӣ, трикотаж) ва хуроквори (комб-ҳои гӯшт, равған, з-дҳои шир, орд, ф-каи қанд) ва г. мавҷуданд. Дар В. 8 мактаби олӣ (ин-т, ин-тҳои х. к., техникаи чаппаҳ, технологӣ, политехникӣ, инженерӣ, сохтмон, тиббӣ ва педагогӣ), музейҳои кишваршиносӣ, санъати тасвирӣ, 4 театр кор мекунад. В. зодгоҳи шоирон А. В. Кольцов ва И. С. Никитин мебошад. Осори меъмории: калисоҳои Успенский (1694—1702), Никольский (1720), қасри Воронеж (а. 18) ва г.

В. бори аввал дар солномаи с. 1177 зикр ёфтааст. Аз с. 1824 маркази губ. Воронеж. С. 1895 гуруҳи с.-д. ташкил ёфт. 30 окт. (12 нояб.) 1917 дар В. Ҳокимияти Советӣ барқарор шуд. Июли 1942 қисми дар соҳили рӯст будаи В. ро истилогарони фашист ишғол намуданд. 25 инв. 1943, пас аз муҳорибаҳои 6,5 моҳа В. аз қӯшунҳои душман пурра озод карда шуд.

ВОРОНЕЖ, вилоят дар РСФСР. Саноати ташкилаш 13.6.1934. Масоҳ. 52,4 ҳаз. км². Аҳол. 2474 ҳаз. наф. (1977), аҳол. дар 1 км² 47,2 наф. В. ба 30 районҳо тақсим мешавад, 14 шаҳр, 22 ш.-н. дорад. Ш.-ҳои калонаш: Воронеж, Борисоглебск, Георгиу-Деж, Россошь, Острогожск, Поворино. Марказаш ш. Воронеж.

Вил. В. дар қисми марказии ҳамвории Европаи Шарқӣ, дар ҳавзаи чараёни миёнаи д. Дон воқеъ буда, қисми тарбиаш дар Баландиии Миёнаи Рус (баландиаш 220—260 м),

шарқиаш дар ҳамвории тахти Окаю Дон (баландиаш 80—178 м) ва баландии Калач (то 234 м) ҷой гирифтааст. Сарватҳои зеризаминиаш: бӯр, гранит, оҳаксанг, регсанг, рег. Иқлимаш континентии мӯътадил. Ҳарор. миёнаи янв. аз —8,5 то —10,5° С, июль аз 19,6° то 21,8° С. Боришоти миёнаи солона дар Шим. Ғ. 550—560 мм, дар Ҷ. Ш. 425—435 мм. Ҳамаи дарьёҳои вилоят ба ҳавзаи Дон мансубанд. Шохобҳои асосии Дон: Ведуга, Девица, Потудань, Тихая Сосна, Чёрная Калитва, Воронеж-Битюг, Осередь. Қариб 10% майдони вилоят аз бешазор иборат аст. Аз ҳайвонот гург, рӯбоҳ, саги енотмонанд, заргӯш, юрмон ва ғ. вомехӯрад. Дар дарьёҳо моҳиҳои шӯртан, язь, линь, симмоҳӣ, карась, загорамоҳӣ, судак ва ғ. ҳастанд. Барои муҳофизати намудҳои нодири ҳайвонот. қӯруқҳои Воронеж ва Хопёр ташкил ёфтаанд.

Вил. В. ноҳияи калони мутараққиёт саноатӣ ва х. қ. аст. Базаи энергетикии саноатро ГРЭС-и Воронеж, Станцияи электрикии атомии Нововоронеж, ТЭЦ-и корхонаҳои калон, ки ба системаи «Воронежэнерго» муттаҳиданд, ташкил медиҳанд. Соҳаҳои асосии саноат: мошинсозӣ ва коркарди металл (истеҳсоли мошинҳои оҳангарию пресскунӣ, экскаватор, таҷҳизоти саноати маъдантозакунӣ, дастгоҳҳои металлбурӣ, мошинҳои х. қ., мошинсозии дақиқ, телевизор, радиоприёмник). Саноати химия (истеҳсоли каучуки синтезӣ, шинаи мошин, дорувор); масолеҳи бинокорӣ (цемент, плитаҳои сафолӣ, рангҳои минералӣ) ривоҷ ёфтааст. Саноати хӯрокворӣ 32% ҳамаи маҳсулоти вилоятро медиҳад; корхонаҳои равган, қанд, гӯшт ва ғ. дорад. Соҳаҳои асосии х. қ. ғаллакорӣ ва чорводорӣ. Бештар гандуми тирамоҳӣ, ҷав, офтобпараст, лаблабуи қанд, инчунин арзан, зироати лӯбиёӣ, ҷавдори тирамоҳӣ ва ғ. мекоранд. Чорво (барои гӯшту шир), хуку гӯсфанд, асп ва парранда мепарваранд.

Тӯли р. о. 1119 км, магистральҳои асосиаш Москва—Воронеж—Ростови Дон ва Пенза—Георгиу-Деж—Харьков буда, электриконида шудааст.

Дар В. 1670 мактаби маълумоти умумӣ, 39 мактаби миёнаи махсус, 10 мактаби олӣ, 906 китобхонаи оммавӣ, 5 театр, 5 музей, 1442 муассисаи маданию маърифатӣ, маркази телевизион мавҷуданд. Газетаҳои вилоят: «Коммуна» (аз 1919) ва «Молодой коммунар» (аз 1922).

Ад.: Гришин Г. Т., Воронежская область, Воронеж, 1967; Атлас Воронежской области, М., 1968.

ВОРОНИНА Вероника Леонидовна (тав. 14. 5. 1910, ш. Коврово, губ. Владимир), муаррихи советӣ, доктори илми таърих (1962), ходими илмии Ин-ти назария, таърих ва масъалаҳои перспективанокии санъати меъмории советӣ дар назди Госстрои СССР (аз 1958). Мутахассиси соҳаи таърихи санъати меъмории халҳои Осиёи Миёна, масъалаҳои таърихи шаҳрҳои асримиёнагии Осиёи Миёна, доир ба таърихи санъати меъмории Афғонистон, Эрон, мамлакатҳои араб ва Африка асарҳо таълиф кардааст, муаллифи якчанд бобҳо ва қисмҳои «Таърихи умумии санъати меъморӣ» (ҷ. I, VIII, X, XI), мақолаҳои энциклопедии «Санъати мамлакатҳо ва халҳои ҷаҳон». В. бештар аз 125 асари илмии тадқиқотӣ чоп кард. С. 1940 дар омӯхтани ёдгориҳои бостонии Осиёи Миёна иштирок намуд. С. 1946 дар экспедицияи археологии Тоҷикистон ширкат дошт. С. 1947 дар ҳафриёти Панҷакенти бостонӣ фаъолона иштирок карда, доир ба он асарҳо навишт ва дар мавзӯи «Масъалаҳои шаҳри ибтидои асрҳои миёнаи Осиёи Миёна» дисс. докторӣ ҳимоя намуд. Аз с. 1968 иштирокчии Экспедицияи тадқиқоти комплексии Тоҷикистони Шимолии Ин-ти таърихи АФ РСС Тоҷ. *Н. Неъматов.*

ВОРОНИХИН Андрей Никифорович (28. 10. 1759, деҳаи Новое Усолье, ҳозира вил. Пермь,— 5. 3. 1814, Петербург), меъмори рус, намояндаи равияи классицизм. С. 1777 дар Москва ва 1779 дар Петербург дар рассомию минётурнигорӣ ва меъморӣ (назди В. *Баженов* ва М. *Казаков*) малака ҳосил кард. С. 1797 барои асарҳои «Нигористони қасри Строганов» (1793, Эрмитаж, Ленинград) ва «Чорбоғи Строганов» (1797, Музеи рус, Ленинград) ба унвони акад. «рассомии перспективӣ» ноил гардид (проф. аз с. 1802). В. анъанаҳои санъати меъмории русро идома дода, типи нави биноҳои ҷамъиятиро ба вуҷуд овард (*Калисои ҷомеи Қазон* дар Ленингард; 1801—11). Бинои Ин-ти кӯҳкорӣ (1806—11), *Калисои ҷомеи Исҳоқ* (лоиҳа, 1808—10), қасру чорбоғҳои Петергоф (ибтидои с-ҳои 1800-ум, ҳоло Петродворец) ва Павловск (1802—08) — ҳама дар Ленинград, маъбади Исо (лоиҳа, 1813) ва работи Братцево дар Москва ва ғ. асарҳои монументалӣ ва барҷастаи В. мебошанд. Ин асарҳо барои ба вуҷуд омадани ансамбльҳои бошукӯҳ ибтидо гузоштанд. В. дар сохтмони биноҳо конструкцияҳои сабук ва масолеҳи табииро ба кор мебурд. В. дар соҳаи санъати ороишӣ-амалӣ низ маҳорати фавқулодда дошт. Мебель, қандилҳо, гулдонҳо ва ғ., ки аз рӯи лоиҳаи В. сохта шудаанд, ба интерьер хеле мувофиқ афтодаанд.

ВОРОНОВ Николай Николаевич (5. 5. 1899, Петербург — 28, 2. 1968, Москва), Сармаршали артиллерия (1944), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1965). Аъзои КПСС аз с. 1919. Иштирокчии Ҷанги граждании. Марти 1918 ихтиёран ба сафи Армияи Сурх дохил шуд. Курси артиллерии 2-юми Петроград (1918), Мактаби олии артиллерии ҳайати фармондеҳон (1924)

ва Академияи ҳарбии ба номи М. В. Фрунзеро (1930) хатм намуд. Аз с. 1918 то 1934 дар вазифаҳои фармондеҳӣ ва штабӣ, с. 1934 сардори омӯзишгоҳи 1-уми артиллерии Ленинград, с-ҳои 1937—41 сардори артиллерияи Армияи Сурх, сардори Управлениями мудофиа аз ҳучуми ҳавоӣ буд. Аз 1941 то 1943 ҷонишини комиссари халкии мудофиаи СССР, аз 1943 то 1950 фармондеҳи артиллерияи Қувваҳои Мусаллаҳ. С-ҳои 1950—53 президенти Академияи Фанҳои артиллерӣ, 1953—58 сардори Академияи ҳарбии фармондеҳи артиллерӣ, аз с. 1958 дар корҳои масъули Вазорати мудофиаи СССР. Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ фармондеҳи артиллерия ва намояндаи Ставкаи Сарфармондеҳи Олӣ буд. Ба торумор кардани гурӯҳи ба муҳосира афтодаи фашистони немис дар назди Сталинград сардорӣ намуд. Муаллифи ёддоштҳои «Дар хизмати ҳарбӣ» (1962). Депутати Совети Олии СССР (даъвати 2-юм). Бо 6 ордени Ленин, ордени Революцияи Октябрь, 4 ордени Байраки Сурх, 3 ордени дараҷаи 1-уми Суворов, ордени Ситораи Сурх, медальҳо ва бо 5 ордени хоричӣ, яроқи фахрӣ мукофотонида шудааст. Дар Майдони Сурхи Москва дар девори Кремль мадфун аст.

ВОРОНЬКО́ Платон Никитович (тав. 1. 12. 1913, деҳаи Чернитчина, вил. Сума), шоири советии украин. Аъзои КПСС аз с. 1943. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941—45) командири отряди партизании Соединениями *С. А. Ковпак* буд. Китоби аввалинаш «Рейди Карпат» (1944) мардонагӣ ва муборизаи партизанҳоро инъикос менамояд. Шеърҳои В. ба ҳаёти ҷавонон, судҳ ва дӯстии халҳо, сохтмони социалистӣ бахшида шудаанд. Бисьёрии онҳо сурудҳои оммавӣ шудаанд: «Комсомолон, ба пеш!», «Аспи сиёҳмушкин» ва ғ. В. барои бачагон ҳам достону китобҳо навиштааст. В., ки дар сохтмони Вахш иштирок карда буд, дар бораи Тоҷикистон шеърҳои зиёде иншо кардааст. Барои маҷмӯаи шеърҳои «Субҳи бахайр», «Дунёё пуршаън аст» (1950) лауреати Мукофоти давлатии СССР (1951) гардидааст. В. бо 6 орден ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ВОРОШИ́ЛОВ Климент Ефремович (4. 2. 1881, деҳаи Верхнее, уезди Бахмут, вил. Ворошиловгради ҳозира — 2. 12. 1969, Москва), ходими давлатӣ, партиявӣ ва ҳарбӣ, Маршали Иттифоқи Советӣ (1935), ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1956, 1968), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1960). Аъзои КПСС аз с. 1903. Аз

оилаи роҳнаҳапчӣ. Фаъолияти меҳнатиаш аз с. 1896 дар аз ди металлургии Юрьев (станцияи Алчевск) оғоз ёфтаст. С. 1904 аъзои комитети большевикии Луганск, 1905 раиси совети Луганск, ба кор партоии корҳаро, ташкили дружинаҳои ҷанговар рӯҳбари намуд. Вакили съезди 4 ум (1906) ва 5-уми (1907) РСДРП. С-ҳои 1908—17 дар Боку, Петербург, Ҷарицын машғули корҳои пинҳонии партияви буд. Борҳо ҳабс ва бадарга шудааст. Баъди Рев. Феврали 1917 аъзои совети Петроград, вакили конференцияи 7-уми (Апрелии) Умумиросиянги ва съезди 6-уми РСДРП(б). Аз марти 1917 раиси совети Луганск ва думаи шаҳри. Нояб. 1917 комиссари Комитети Ҳарбии Революционии Петроград (оид ба маъмурияти шаҳр). Дар солҳои Ҷанги граждани фармондеҳи гуруҳи қушунҳои Ҷарицын, ҷонишини фармондеҳ ва аъзои Совети Ҳарбии Фронти Ҷанубӣ. Фармондеҳи армияи 10 ум, комиссари халқии корҳои дохилии Украина, яке аз ташкилотчиён ва аъзои Совети Ҳарбии Революционии (СҲР) Армияи Якуми Савора. С. 1921 ба гуруҳи вакилони съезди 10 уми партия сардор шуда, дар маҳви иҷъеии ҳиддисоветии Кронштадт иштирок кард. С-ҳои 1921—24 аъзои бюрои Ҷанубӣ-Шарқии КМ РКП(б) ва фармондеҳи қушунҳои округи ҳарбии Кавкази Шимолӣ. 1924—25 фармондеҳи қушунҳои округи ҳарбии Москва ва аъзои СҲР СССР. Аз 6 нояб. 1925 то 20 июни 1934 комиссари халқи оид ба корҳои ҳарбию баҳрӣ ва раиси СҲР СССР, аз с. 1934 то 1940 комиссари халқии мудофиаи СССР, аз с. 1940 ҷонишини раиси СҲК СССР. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аъзои Комитети давлатии мудофиа, Сарфармондеҳи қушунҳои самти Шимолӣ-Ғарбӣ, фармондеҳи қушунҳои Фронти Ленинград ва Сарфармондеҳи ҳаракати партизанӣ. С. 1943 дар кори конференцияи Теҳрон иштирок кард. С-ҳои 1946—53 ҷонишини раиси Совети Вазирони СССР, аз марти 1953 то май 1960 раиси Президиуми Совети Олии СССР, аз май 1960 аъзои Президиуми Совети Олии СССР. Аз с. 1921 то окт. 1961 ва аз с. 1966 аъзои КМ КПСС, аз с. 1926 то 1952 аъзои Бюрои Сиёсии КМ КПСС, аз с. 1952 то июл 1960 аъзои Президиуми КМ КПСС, вакили съездҳои 10—23 партия. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1—7). Қаҳрамони Республикаи Халқии Мғулистон. Бо 8 ордени Ленин, 6 ордени Байраки Сурх, ордени Суворов дараҷаи 1 ум, Байраки Сурхи Ӯзбекистон, Байраки Сурхи Тоҷикистон, Байраки Сурхи ЗОҶСР ва бо ордену медалҳои хориҷӣ, яроқҳои фахрии дар рӯи он Гербӣ давлатии СССР аксёфта мукофотонида шудааст. Дар Маидони Сурхи Москва мадфун аст.

ВОРОШИЛОВГРАД (то 1935 ва аз 1958 то 1970 Луганск), шаҳр, маркази вил. Ворошиловгради РССУ. Дар андароби дҳои Лугань ва Ольховая (ҳавзаи Северский Донец) воқеъ аст. Узели калони р. о. ва мошингард. Аҳол. 445 ҳаз. наф. (1977). Маркази калони саноати вазнини республика. Соҳаи асосии саноаташ мошинсозӣ, 3-ҳои тепловозсозӣ, мошинҳои саноати ангишт, трубопрокат, муҳаррикҳои трактор, аккумулятор, рехтагарии механикӣ, фармацевти ва г. дорад. Саноати хуроквори (комб. гӯшт, ф-каи қанноди, э-ди шир), сабук (комб-ҳои мебель, моҳут, ф-каҳои пойафзол, трикотаж, дӯзандаги) низ ривоҷ ёфтаст. Конструкцияҳои оҳану бетони, хишт, черепица ва г. истеҳсол мекунад. В ин-тҳои мошинсозӣ, х-ки ва педагогӣ, 8 техникум (аз ҷумла мошинсозӣ, 2 сохтмон, гидромелиоративи ва сохтмони деҳот), омӯзишгоҳҳои мусиқӣ, маданӣ маърифатӣ, 2 театр, филармония, музейҳо, маркази телевизиони дорад. Шаҳр с. 1970 бо ордени Ленин мукофотонида шудааст. Бунёдаш с. 1795.

ВОРОШИЛОВГРАД, вилоят дар ҳайати РССУ. 3.6.1938 (аз с. 1958 то 1970 вил. Луганск ном дошт) ташкил шуд. Дар ҳавзаи ҷарасни миёнаи д. Северский Донец ҷойгир аст. Масоҳ. 26,7 ҳаз. км². Аҳол. 2821 ҳаз. наф. (1977), украинҳо 54,8%, русҳо 41,7% ва г. Зичии миёнаи аҳоли дар 1 км² 105,6 наф. Вил. ба 18 раион таксим шуда, 5 шаҳр, 16 пгт дорад. Ш-ҳои калонаш: Ворошиловград, Кадиевка, Лисичанск, Коммунарск, Красный Луч. Марказаш — ш. Ворошиловград.

Рельефаш ҳамвори теппадор, дар Ҷ. кряжи Донец воқеъ аст. Сарватҳои зериламинии ангишт, оҳаксанг, мармар ва г. Иклимаш континентӣ мӯътадил. Ҳарор. миёнаи яна —6°, —8°С; июль 22, 23°С. Боришоти солона 410—500 мм. Д-и калонаш: Северский Донец бо шохобҳояш Айдар, Лугань, Миус, Красная Боровая ва г. Заминаш бештар сиёҳҳок. Растаниҳои ҳудруи дашти миёбланд. Қариб 7% терр. вилоятро бешаю бутҳалор фаро гирифтаанд. Аз ҳайвонот хонгул, рубоҳ, аз паррандаҳо ҷӯр, мурғобӣ, қассобак ва г. помехурад.

В. ноҳияи муҳими саноати вазнини мамлакат аст. Соҳаҳои асосии саноат: ангишт-саноат (қисми шарқии ҳавзаи Донбасс), металлургияи сиёҳ (Коммунарск, Алмазная, Ворошиловград ва г.), мошинсозӣ (з-ди тепловозсозии Ворошиловград), химия (Северодонецк, Рубежное), химия кокс. Саноати сабук (комб. моҳути Ворошиловград ва г.), хуроквори (комб. ҳои гӯшт, з-ҳои равғанӣ, консерви меваю сабзавот) низ тараққӣ кардааст. Асоси энергетикаи ҳоҷатгии халқи вилоятро ИҚЧАНД ТЭЦ ва ГРЭС, аз ҷумла Северодонецк (ш. Лисичанск), Ворошиловград, (ш. Счастье), Штеров (ш. Миусинск) ташкил медиҳанд. Фонди заминии вил. 2293 ҳаз. га, аз ҷумла 1898 ҳаз. га заминҳои кишти х-ки. Зироати асосиаш — ғандуми тирамоҳию ҷуворимакка. Аз зироати техникӣ асосан офтобпараст кишта мешавад (10% ҳосили умумии РССУ). Боғу токзорҳо низ ривоҷ меёбад. Ирригация барои инкишофи оиндаи х-ки роли муҳим мебозад (беш аз 50 ҳаз. га замин обёрӣ карда мешавад). Барои гӯшту шир гов, буғу гӯсфанд ва хук парвариш карда мешавад.

Ҷули р. о. 1178 км, шоссе бештар аз 3 ҳаз. км. Узелҳои муҳими нақлиёташ Ворошиловград, Попасная, Лисичанск ва г.

Соли ҳоҳиши 1975/76 дар В. 1365 мактаби маълумоти умумӣ, 118 муассиҳаҳои касбию техникӣ, 37 мактаби миёнаи махсус, 5 ин-т (мошинсозӣ, педагогӣ, тиббӣ, х-ки дар Ворошиловград, ин-ти металлургияи кӯҳӣ дар Коммунарск) буд. 4 музей, 2 театр дорад. Газетаҳои вил. «Знамя победы», «Молодогвардеец» ба забони украинӣ ва «Ворошиловградская правда» ба забони рус.

Р. А. Заславский

ВОРОШИЛОВОБОД, деҳа дар С. к. Очиҳазъачаи р-ни Хуҷанд, вил. Ленинобод. Терр. к-зи ба номи С. Ёрӣ-ҷонов. Аз Н. то маркази С. к. 0,5 км, то маркази раиси ва ст. р. о. Ленинобод 10 км, роҳ асфальт. Аҳол. 2[illegible] наф. (1976), техникум, пункти тиббӣ, магазин, дорҳо. Соҳаҳои асосии ҳоҷатгии пахтакорӣ, чорводорӣ. Заминҳо аз сӯи Хуҷанд обёрӣ мешаванд.

ВОРӮХ, деҳа, маркази С. қ. Ворух ва к-зи «Правда», р-ни Исфараи вил. Ленинобод. Аз В. то маркази район 40 км; роҳ асфальт. Аҳол. 11500 наф. (1976), тоҷикон. Дар В. 4 мактаби миёна, 1 мактаби 8-соля, 8 китобхона, клуб, хонаи маданият, 2 пункти тиббӣ, касалхона (дорои 50 кат), шӯъбаи алоқа, АТС, ст. обуҳавосанҷӣ, ҳаммом, филиали комб. хизмати маишии район, 11 магазин, 10 нонвойхона, 4 чойхона, ошхона ҳаст. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ—боғдорӣ (зардолу, себ, нок ва ғ.), ғаллакорӣ (ҷаву ҷаҷдум), кирмакдорӣ. Заминҳо аз д. Карафшин обьёрӣ мешаванд. Масҷиди Сурхи деҳа ҳамчун ёдгории таъриҳӣ боқӣ мондааст.

ВОРӮ, деҳа дар С. к. Ворӯ, р-ни Панҷакенти вил. Ленинобод. Терр. к-зи «Зарафшон». Аз В. то маркази С. қ. 18 км, то район 80 км. Аҳол. 669 наф. (1976), тоҷикон. В. дорои мактаби миёна, пункти тиббӣ мебошад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ ва ғаллакорӣ. Заминҳо аз оби чашмаҳо обьёрӣ мешаванд.

ВОСЕУШШАФАТАЙН (ар. واسع الشفتين — лабнорас), навъе аз санъатҳои лафзии шеъри тоҷикӣ, лабнорас ҳам меноманд. Мувофиқи талаботи ин санъат бояд дар шеър ҳамсадоҳои лабулабии «б», «п» ва «м» кор фармуда нашавад, мисли ин порча:

Эй сарвқади латифгуфтор
В-эй хушсухани зарифкирдор,
Наздиктар ой, гарчи кофист
Ушшоқи туро зи дур дидор.

В. мисли дигар санъатҳои лафзӣ мазмунро тобеи шакл карда, имкониятҳои шоирро дар ифодаи мазмун маҳдуд мекунад. *С. Давронов.*

ВОСЕЪ (такр. 1845—47, деҳаи Дараи Мухтори Ховалинг — 1888, Шаҳрисабз), роҳбари шӯриши халқии с. 1886 дар Балҷувон. Аз оилаи деҳқони камбағал. Ҳамчун Абдулвосеъ ва Мулловосеъча низ машҳур буд. Монанди аксари деҳқонони камбағал тобистон деҳқонӣ ва зимистон ҷувозкашӣ мекард.

Дар васфи В. мардум ривоят, суруду достонҳои бисьёре гуфтааст. Дар ин мавзӯъ адибони советии тоҷик М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ либреттои «Шӯриши Восеъ», С. Улуғзода романи «Восеъ» ва дигарон асарҳо офаридаанд. Ниг. низ *Шӯриши Восеъ*.

Ад.: Искандаров Б. И., Из истории Бухарского эмирата, М., 1958.

ВОСЕ́Ъ (то 20. 9. 1961 Арал), район дар вил. Кӯлоби РСС Тоҷ. 19. 8. 1957 ташкил ёфтааст. В. дар нишебаҳои ҷан. шарқии қ-кӯҳи Вахш воқеъ аст. Аз маркази район то Душанбе 184 км, то Кӯлоб 18 км. Масоҳ. 3,6 ҳаз. км². Аҳол. 95100 наф. (1977), тоҷикон (82,5%), ӯзбекҳо (14,8%), русҳо ва намояндагони миллатҳои диг. Зичии аҳолӣ дар 1 км² 26 наф. В. 10 С. қ. дорад: Тӯгарак, Гулистон, Меҳнатобод, Арал, Пахтаобод, Пахтакор, Ховалинг, Шугнов, ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, ба номи И. В. Мичурин. Маркази район — пгш Восеъ.

Сатҳи терр. район ноҳамвор, қисми шимолиашро нишебаҳои қ-кӯҳи Вахш, шим. шарқиашро нишебаҳои қ-кӯҳи Ҳазрати Шоҳ, ғарбиашро нишебаҳои к. Ҷилонтоғ ва қисми ҷанубиашро ҳамвории водии д-ҳои Сурхоб (Қизилсу) ва Яхсу ишғол кардаанд. Нуқтаи баландтаринаш аз с. б. 4088 м (қул. Ҳазрати Шоҳ), пасттаринаш 450 м (водии д. Сурхоб). Сарватҳои зеризаминӣ: намаки ош (конҳои Хоҷа Мӯъмин, Хоҷа Сартез) ва масолеҳи бинокорӣ. Аз терр. В. д. Сурхоб (бо шохобҳояш Обимазор ва Яхсу) ҷорӣ мешавад. Иқлими район континентӣ, дар ҷануб —субтропикии хушк; тобистонаш гарм, зимистонаш мӯътадил. Ҳарор. миёнаи июль 28—30°С, янв. 0, —2°С. Миқдори боришоти солона 300—400 мм. Тобистон кӯҳҳо салқин, зимистон хунук (июль 14—18° С, янв. аз — 8 то — 12° С); боришоти солона 800—1200 мм. Ҳоки водиҳо хокистарранги гуногун буда, ҳоки кӯҳҳо бошад, ҷигарранг аст. Олами набототи водӣ ва доманаи кӯҳҳо биёбонӣ ва нимбиёбонӣ. Қисми миёнаи кӯҳҳоро дарахту буттаҳои гуногун (зирк, ирғай, заранг, фарк, бушол), дарахтони мевадор — чормағз, бодом, дӯлона, себ, олуча ва ғ., аз он болоро маргзорҳои субальпӣ ва альпӣ фаро гирифтаанд. Аз ҳайвонот гург, шағол, рӯбоҳ, нахчир, гуроз, аз паррандаҳо кабк, мурғобӣ, бедона, уқоб ва ғ. мавҷуданд.

Соҳаҳои асосии хоҷагии район — пахтакорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ. С. 1976 район 6 к-з ва 6 с-з дошт. К-зҳо ва маркази онҳо: ба номи Ленин (Оқчар), «Коммунизм» (Кадучӣ), «Москва» (Восеъободи Калон), ба номи Томин (Тӯгарак), ба номи Маркс (Ғелот), ба номи Киров (Пахтакор); с-зҳо: ба номи Лоҳутӣ (Лоҳутӣ), «Ховалинг» (Ховалинг), «Восеъ-1» (Дектур), «Восеъ-2» (Чорбоғ), ба номи Ленин (Меҳнатобод), боғу токдорӣ (Садвинсовхоз). Хоҷагиҳои ҷангали Ховалинг ва Сари Хосор, хоҷагии ниҳолпарварӣ мавҷуданд. Майдони умумии заминҳои корам 34288 га (1976), аз ҷумла заминҳои пахта — 11055 га, ғалла — 12769 га, обчакорӣ — 238 га, растаниҳои равғандор — 314 га, зироати хӯроки чорво— 9288 га. Шумораи чорво дар к-зу с-зҳо (ба ҳисоби сар, 1976): гов — 39077, гӯсфанду буз — 26407, хук — 1541, асп — 2440; шумораи паррандаҳо — 33952. Район с. 1976 ба давлат 41709 т пахта, 2361 т гӯшт, 4900 т шир, 106,9 т пашм, 7980 т ангур, 100 т сабзавот фурӯхт. Дар В. з-дҳои истеҳсоли намаки ош, пиво, вино, устохонаҳои таъмирӣ, пункти қабули пахта, шӯъбаи районии «Тоҷиксельхозтехника», комб. хизмати маишӣ ҳастанд.

Район соли хониши 1976/77 дорои 26 мактаби миёна, 30 мактаби 8-сола, 34 мактаби ибтидоӣ, омӯзишгоҳи касбию техникӣ, мактаби мусиқӣ, мактаб-санатория буд. 5 касалхона, 39 пункти тиббӣ ва фельдшерию акушерӣ, 23 клуб, хонаи маданият, 11 дастгоҳи кинонамоишдиҳии сайёр, 12 шӯъбаи алоқа, 122 нуқтаи савдо кор мекунад. Нақлиёти асосии район автомобилӣ; аксари роҳҳои байни к-зу с-зҳо ва С. қ. асфальт. Аз терр. район р. о.-и камбари Душанбе—Қурғонтеппа—Кӯлоб мегузарад (50 км). Станцияҳои р. о. камбар — Гулистон ва Тӯгарак. *Ҳ. Насруллоев.*

Ҳайкали Восеъ дар маркази р-ни Восеъ. Амали Г. Г. Иванов.

1918



1919

1920

ВОСЕЪ, пгш (аз 29 авг. 1964), марказ маъмурии р-они Восеи вил. Кулоб. Ба воситаи роҳҳои автомобильгард бо ш-ҳои Кулоб, Норак ва Душанбе алоқаманд аст. Аз байни он р. о. камбар мегузарад. Аэропорт дорад. Аҳол. 9100 нафр. (1976), асосан тоҷикон. Дар В. а-ҳои истеҳсоли намак, пиво, идораи ба истифодадиҳии роҳҳо (ДЭУ), колонаи механиконидашудаи сайёр, идораи сохтмону таъмир, автовоклал, пункти қабули пахта, шуъбаи районии «Точиксельхозтехника», шуъбаи алоқа, касалхона (дорои 200 кат), дорухона мавҷуданд. В. мактаби миёна, мактаби мусиқӣ, боғчаи бачагон, омӯзишгоҳи касбию техники, китобхона, 4 клуб, ҳонаи маданият, меҳмонхона, универмаг, ресторан, якчанд ошхонаю чойхона дорад. Посёлка ба шарафи роҳбари шуриши халқи Восеъ номида шудааст.

ВОСЕЪОБОД, деха дар С. к. Меҳнатободи р-они Восеъ, вил. Кулоб. Терр. к-зи «Москва». Аз В. то маркази С. к. 2 км, то район ва ст. р. о. камбари Тугарак 5 км, роҳ асфальт. Аҳол. 359 нафр. (1976), тоҷикон. Соҳаҳои ҳоҷагӣ — пахтакорӣ ва кирмакдорӣ. Заминҳо аз д-ҳои Яхсу ва Панҷ обёрӣ мешаванд.

ВОСЕЪОБОДИ КАЛОН, деха, марказ С. к. Меҳнатобод ва к-зи «Москва», р-они Восеи вил. Кулоб. Аз В. то маркази район ва ст. р. о. камбари Тугарак 6 км, роҳ асфальт. Аҳол. 1511 нафр. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, 3 китобхона, клуб, пункти тиббӣ, дорухона, шуъбаи алоқа, узели радиошунавонӣ, магазин, ноҳияхона, ошхона, ҳаммом, комб. хизмати маиши, устохонаи оҳангарӣ дорад. Соҳаҳои ҳоҷагӣ — пахтакорӣ, ғаллакорӣ (ҷав, гандум), чорводорӣ, обчакорӣ ва кирмакдорӣ. Заминҳо аз д-ҳои Сурхоб, Яхсу ва Панҷ обёрӣ мешаванд.

ВОСИТАҲОИ ГАРДОН, воситаҳое, ки аз тарафи корхона ва ташкилотҳои ҳоҷагиҳои социалистӣ барои ба вуҷуд овардани фондҳои гардону муомилот (маҳсулоти фиристодашуда, маблағҳои пулӣ ва воситаҳои ҳисобӣ) ва муттасил иҷро намудани планҳои истеҳсолот ва фуруши маҳсулот ҷудо карда шудаанд. В. г. нормадор ва беноҳма мешаванд. Ба В. г.-и нормадор захираҳои истеҳсолиро ашёҳои хом ва масолеҳ мансубанд, ки дар корхонаҳои давлатӣ ба план гирифта шуда, меҳнат мебошанд. В. г.-и беноҳма аз молҳои фиристодашуда, маблағҳои ҳисобӣ ва пул иборатанд. В. г. мунтазам аз истеҳсолот ба доираи муомилот гузашта, гардиши пай дар пай воситаҳои корхона, фаъолияти мунтазами ҳоҷагиро таъмин мекунад. В. г.-и корхонаҳои алоҳида ба характери истеҳсолот вобастаанд. В. г. аз рӯи манбаи бавуҷудоии асл ва ҷаҳӣ мешаванд. В. г.-и асливо аз тарафи корхона барои истифодаи доими ҷудо мекунанд. Манбаи онҳо пулҷудокуни аз бюҷет, фонда, пасиваҳои устувор мебошад. Ба В. г.-и қарзи кредите, ки Банки давлатӣ бо мақсад ва муддати муайянӣ, инчунин барои қарздории кредитории медиҳад, дохил мешавад. Дар саноати СССР ба фондҳои гардон 70—75% (ва ба фондҳои муомилот 25—30%) и ҳамаи В. г. рост меояд. Шарти муҳимми дуруст истифода кардани В. г. дар корхонаҳои социалистӣ рионяи сарфакорӣ ва ҳисоби ҳоҷагӣ аст.

ВОСИТАҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ, предмет ва воситаҳои меҳнат, ки одамон дар процесси истеҳсоли неъматҳои моддӣ истифода мебаранд. Ҳамаи он чизе, ки дар процесси истеҳсолот аз нав кор карда меҳнати инсон ба он равона шудааст, предметҳои меҳнатро ташкил медиҳанд. Ба предметҳои меҳнат ашёҳои табиӣ (ангишт, маъдан, нефть, ғазои табиӣ, моддаҳои химиявӣ ва ғ.), ки аз қаъри замин истеҳсол карда мешаванд ва предметҳое, ки ба онҳо бештар меҳнат сарф шудааст (кокс, пахта, қалоба ва ғ.) низ мансубанд. Ба воситаҳои меҳнат биноҳои истеҳсолӣ, иншоот, таҷҳилот, мошинҳо тааллуқ доранд. Дар таркиби В. и. олотҳои истеҳсолот (мошинҳо, таҷҳилот ва ғ.) роли асосӣ меҳоланд. Замин, ҳамчун предмети умумии меҳнат, воситаи муҳимтарини истеҳсолот аст. Табиати ҷамъиятии В. и. дар формацияҳои гуногуни ҷамъияти ҳар ҳел буда, бо шакли моликият (ҷамъияти е хусусӣ) муайян мегардад. Дар давраи капитализм В. и. моликияти хусусии капиталистӣ алоҳида е иттиҳодиҳои монополистиканд ва ҳамчун капитал, ҳамчун воситаи истисмори меҳнати кироя амал мекунанд. Дар давраи социализм В. и. моликияти ҷамъиятӣ буда, таркиби моддии фондҳои истеҳсолотро ташкил медиҳанд. В. и. ҳамчун ҳалқунандаи сарфаи меҳнати ҷамъиятӣ ва сабук кардани меҳнати инсонанд. Барои пурра конеъ гардонидани талаботи моддию маданиии меҳнаткашони ҷамъияти социалистӣ доимо В. и.-ро такмил медиҳад.

ВОСИТАҲОИ КОЗУРӢ, моддаҳо ва е омехтаҳои онҳо, ки маҳсулоти обмашоиро барои тоза кардани сатҳи чиҳазҳои саноатӣ (металл, шиша, сафол), пуст, матоъ ва ғ. истифода мешаванд. В. к. ҳоҳ, моҳ ва мӯйҳо мешаванд. Моддаҳои шуиндаи В. к. асосан аз намак ва эфирҳои сульфокислотаҳо, спиртҳо, чарбу, кислотаҳои равғанӣ ва ғ. иборатанд. Барои бехтар шудани хосиятҳои шуиндагии В. к. ба онҳо моддаҳои сафедкунанда, дезинфексиякунанда, хушбӯй, антирезорбентҳо (барои мембрана гирифтан), фермент (барои ҳорич кардани сафедаҳои ҳалнашаванда) ва г.-ро илова мекунанд. Таносуби моддаҳоро таъмир ҳоҷа В. и.-и матоъ пахтагинӣ, матоъ (мас., «Ҷра»), шоҳиҳо (мас., «Новость», «Лотос») ва г. ҳосил мекунанд. Барои шустани матоъҳои гуногун В. к. и. универсалӣ бароварда мешавад.

ВОСИТАҲОИ МЕҲНАТ, нг. *Воситаҳои истеҳсолот.*

ВОСИТАҲОИ НАЗОРАТУ ЧЕНКУНӢ, дар техника, номи умумии воситаҳои техникии назорату ченкунии андозаҳои ҳатти ва кунҷии деталу маснуоти тайёр. Вобаста ба таъиноти В. и. ч. ба: а ф з о р и н а з о р а т ва а ф з о р и ч е н к у н и тақсим мешавад. Ҳар афзори ченкунӣ дар айни ҳол афзори назорат ҳам мебошад. Мувофиқи принципи сохт якчанд гурӯҳи В. и. ч. маъмуланд: ш т р и х й (ҳаткаш, рулетка, штангенциркуль); м и к р о м е т р и (микрометр, путрометр, умқсанҷ); д а н д о н а в и (индикатор); о п т и к и и м е х а н и к и (проектор, микроскоп), э л е к т р и к и (датчик, автоматҳои электрикии назорату ченкунӣ) ва г. Вобаста ба принципи кор дар В. и. ч. детальҳои гуногуни табдилдиҳандаро истифода мебаранд. Мас., дар афзори оптикии ченкунӣ кори детали табдилдиҳанда ба ҳодисаҳои рӯшноӣ; дар афзори электрикӣ ба ҳодисаҳои электрикӣ (индуктивият, фотоэффект ва г.) асос меёбад.

Нишондиҳандаҳои асосии метрологие, ки характеристикаҳои истифодаи В. и. ч.-ро муайян мекунанд: кимати тақсимоти шкала, диапазони ченкунӣ, ҳудуди ченкунӣ ва ҳатои ченкунӣ. Аз рӯи дараҷаи механиконии В. и. ч. ғайриавтоматӣ, нимавтоматӣ ва автоматӣ, мувофиқи шароити кор стационарӣ ва сайёр мешаванд. Нг. ҷиз *Техникаи ченкунӣ, Метрология.*

ВОСИТАҲОИ РАФҲ, нг. *Репеллентҳо.*

ВОСИТАҲОИ ФАРДИИ МУҲОФИЗАТ, воситаҳое, ки одамонро аз моддаҳои радиоактиви, заҳрнок ва бактериологӣ ҳифз мекунанд. *Противогаз, респиратор, либосҳои маҳсуси муҳофизати ва пакети ҳифзи ҳимия* В. ф. м. мебошанд. В. ф. м. дар армияҳои гуногуни дунёи дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914—1918) пайдо шуда буд. Дар матнҳои ниҳиҳ шоҳ эфтани яроқи матлаи ом В. ф. м. ниҳ таъмин эфт.

ВОСИФӢ (وصفی), Зайнуддин Маҳмуд ибни Абдулҷалил (1485, Ҳирот—байни 1551—1556, Тошкент), шоир, носир ва мусиқишиноси тоҷик. Ҳамаводаи В. ба табақаи миёнаи шаҳр мансуб. Падараш мусиқиҳо, аммаҳо таҳсили шоир ва сиҳаҳо будаанд. Дар дунёи аммаҳо шоирраш — Амирӣ, ки аз пешвоҳо ва ҳунармандҳо рӯ меҳуҳарад, шоирони пешаҳар ҳоҳе ба ҳаҳ шоҳр меҳрҳаҳ. В., ки дар мадрасаҳои Ҳирот ҳаҳсили расмиро ба ҳамиҳ ҳаҳсили меҳард, мушоиро ва сухаҳҳои дунёи аммаҳо дар таҳбиҳи ҳаҳ ва ташаҳҳуҳи маъмаҳо у ба таъсир ҳамиҳаҳ. Вай дар мусиқишиноси ва мусиқиҳо шуҳрат ёфта, дар 15-солаги ба

сӯҳбати Алишери Навоӣ расид. Аммо дар натиҷаи тоҷу тахтталабии шоҳзодагони темурӣ, ҳуҷуми ғоратгаронаи Исмоили Сафавӣ — аз ғарб ва Шайбонихон — аз шарқ, Ҳирот чун маркази маданияти аҳамияти худро аз даст дода, ба майдони муҳорибаву хунрезӣ табдил ёфт. Аксарияти аҳли илму адаб куштаю пароканда шуданд. Ҳуҷуми Шайбонихон (1507) ва Исмоили Сафавӣ (1510) ба сари мардуми Ҳирот кулфатҳои зиёде овард. Дар чунин вазъият В. дар зодгоҳи худ наистода ба умеди гӯшаи осоиш с. 1511 роҳи Машҳаду Нишопурро пеш гирифт. Вале дар ин шаҳрҳо низ паноҳгоҳе наёфта, 17 апр. 1512 ба Мовароуннаҳр фирор кард. В. илму дониши худро пайваста такмил дода, ба маҷлису анҷуманҳои адибон роҳ ёфт. Дар ин давра котибӣ, муаллимӣ ва ғайра василаи рӯзгузаронии адиб гардид. В. с-ҳои 1513—14 дар хидмати ҳукмрони Бухоро—Убайдуллохон буда, баъд ба Самарқанд рафта имоматӣ кард. Вале с. 1518 ба дарбори Келдимуҳаммад роҳ ёфта, бо ӯ ба Тошкент рафт, то охири умр он ҷо монд.

Эҷодиёти В. аз 12—13-солагӣ сар шудааст. Бо таъсири муҳити адабии Ҳирот, хусусан шоирони ҳунарманд, ки нуфузе доштанд, аввалҳо муаммо ва ғазал менавишт. Дар солҳои таҳсили мадраса (1507—10) қасидаҳои ҷавобия ва ҳаҷвҳои обдораш шӯҳрат ёфтанд. Ашъори В. аз ҷиҳати мавзӯъ ва жанр гуногун ва аз ҳайси санъати шеърӣ бисьёр баланд. Махсусан қасидаи ӯ дар мавзӯи қаҳтии Самарқанд (1512), ғазалу қасидаҳои бо радифи «гул», «наргис», «лола» ва ғ., ки дар ҷавоби ашъори *Котибӣ*, *Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ* ва дигарон навиштааст, инчунин ғазалҳои таблбозию лугзҳояш аз қудрати баланди шоирии ӯ дарак медиҳанд. Аммо В. дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун устоди мусаллами насри бадеӣ шӯҳрат дорад. Ин шӯҳрат ба туфайли таснифи *«Бадоеъ-ул-вақоеъ»* (с-ҳои 1517—33) насиби В. гардидааст. В. аз ҷавонӣ ба муҳити зиндагии аҳли меҳнат — ҳунармандону косибон ошно гардида буд, зиндагии ин табақаи мардуми шаҳрро бо маҳорати баланди нигорандагӣ тасвир кардааст. Ин чиз ба таҳвияти ҷиҳатҳои реалистии эҷоди нависанда сабаб шудааст. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» нафақат шоҳасари насри бадеӣ, инчунин сарчашмаи муҳими таърихист. Чунон ки устод Айнӣ навиштааст, асари В. «... дар нишон додани аҳволи илмӣ, адабӣ, савияи маданӣ ва зиддиятҳои онзамонии Хуросону Мовароуннаҳр, Туркистон ва як қисми Эрон на танҳо ойина, балки як лавҳаи тасвириест, ки он аҳволи таърихиро ба назари хонанда пайдарҳам ҷилва мекунонад...» В. бо таълифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба ривоҷи соддаанвисӣ дар насри форс-тоҷик ёрӣ расонд. Дар асар калима ва ибораҳои халқии гуфтугӯй бисьёр истифода шудаанд. Аммо тасвирҳои муболиғавӣ ва такаллуфоти лафзии созгори завқи табақаи боло низ дар китоб роҳ ёфтаанд.

В., ки намояндаи дарбори феодалӣ буд, дар эҷодиёташ ғояҳои шоҳпарастона ва гуфтори маддоҳона низ дучор меоянд. Вале моҳияти прогрессивии эҷодиёти В. пурқувваттар аст. Ӯ дар асарҳои худ асосан манфиати аҳли меҳнатро ҳимоя карда, ғояҳои пешқадами замонро тарғиб намудааст.

А. Афсаҳзод.

ВОСС Август Эдуардович (тав. 30. 10. 1916, деҳаи Салтыково, ҳоло вил. Омск), ходими давлатӣ ва партиявии советӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ. Аъзои КПСС аз с. 1942. Аз оилаи деҳқон. В. баъди хатми Ин-ти муаллимии Тюмень (1939) дар мактаби миёна кор кард. Аз с. 1940 дар сафи Армияи Советӣ ва дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар корҳои сиёсии армия буд. С. 1945 инструктори КМ ПК Латвия, 1945—48 таҳсил дар Мактаби олии партиявии назди КМ КПСС. С. 1949 мудири сектори илм ва мактабҳои олии КМ ПК Латвия, баъд котиби ташкилоти партиявии Ун-ти ба номи П. Стучкаи Латвия. С-ҳои 1950—53 аспиранти Академияи илмҳои ҷамъияткиносии назди КМ КПСС, 1953—54 мудири шӯъбаи илм ва маданият, 1954—60 мудири шӯъбаи органҳои партиявии КМ ПК Латвия, 1960—66 котиби КМ ПК Латвия. Аз апр. 1966 котиби якуми КМ ПК Латвия. Вакили съездҳои 22—25-уми КПСС буда, дар съездҳои 24—25-уми партия аъзои КМ КПСС интихоб гардидааст. Депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 7—9). Бо 2 ордени Ленин, 3 ордени диг. ва медальҳо мукофотонида шудааст.

«ВОСТОК», номи силсилаи киштиҳои кайҳонии якҷояи советӣ, ки барои парвоз дар мадорҳои наздизаминӣ таъин шудаанд. Бо онҳо кайҳоннавардони советӣ бори аввал ба кайҳон парвоз кардаанд.

«В.» — аввалин *киштии кайҳонӣ*, ки дар он 12 апр. 1961 кайҳоннавард Ю. А. *Гагарин* ба кайҳон парвоз кард. Киштӣ аз космодроми *Байконур* соати 9 ва 07 дақиқаи вакти Москва сар дода шуд; атрофи Заминро як бор давр зада соати 10 ва 55 дақиқа назди деҳаи Смеловкаи вил. Саратов ба Замин нишаст. Баландии *перигей*и мадори «В.» 181 км, *апогей* — 327 км. «В.» аз аппарати курашакли фурудой (ҳуҷраи кайҳоннавард), ҳуҷраи асбоб, ки дар он аппаратураи бортӣ ҷойгир аст ва дастгоҳи муҳаррики тормозӣ иборат мебошад. Массаи «В.» бо зинаи охирини *ракетаи баранда* 6,17 т, дарозиаш 7,35 м, массаи аппарати фурудой 2,4 т, диаметраш, 2,3 м. Кайҳоннаварди скафандрпӯш дар курсии катапультӣ ҷой мегирад. Системаи *ҳифзи ҳаёт* барои 10 рӯз муқаррар шудааст; ҳангоми парвоз бо замин алоқаи бефосилаи дутарафа барқарор шуд. Ҳангоми фурудой пас аз тормозонидани киштӣ дар атмосфера (дар баландии 7 км) кайҳоннавард катапультонида мешавад ва бо парашют мефарояд.

«В.-2», ки Г. С. *Титов* идора мекард, 6 авг. 1961 сар дода шуда, атрофи Заминро 17 маротиба давр зад. Парвози он 25 соату 11 дақиқа давом кард.

«В.-3» бо кайҳоннавард А. Г. *Николаев* 11 авг. 1962 сар дода шуд. Парвози он 94 соату 10 дақиқа давом кард ва 15 авг. ба охир расид. «В.-3» якҷоя бо «В.-4» аввалин парвози гурӯҳиро дар мадор ба амал овард.

Дар «В.-4» кайҳоннавард П. Р. *Попович* (12 авг. 1962) 70 соату 42 дақиқа парвоз кард. Ҳангоми парвоз аввалин бор тасвири телевизиониии кайҳоннавардон намоиш дода шуд, ки ин ибтидои *космовизион* гардид.

Намуди умумии «Восток».



«В.-5»-ро, ки 14 июни 1963 сар дода шуд, В. Ф. *Быковский* идора мекард. Дар давоми қариб 119 соати парвоз атрофи Заминро 81 маротиба давр зад.

Дар «В.-6» аввалин дар ҷаҳон кайҳоннавардзан В. В. *Терешкова* 16 июни 1963 ба кайҳон парвоз карда, бо «В.-5» дар парвози гурӯҳӣ иштирок намуд. Дар 70 соату 42 дақиқаи парвоз «В.-6» атрофи Заминро 48 маротиба давр зад.

«ВОСТОК», станцияи илмии антарктикии советӣ дар кисми марказии Антарктидаи Шарқӣ. Дар ноҳияи Қутби Ҷанубии геомагнитӣ (72° 28′ а. ҷ. ва 106°48′ т. ш.), дар рӯи пуштакӯҳи яхини барфпӯш (баландиаш 3488 м) ҷой гирифтааст. Ғафсии қабати яхи зери станция 1780 м. Ҳарор. миёнаи солона — 56° С. 24 авг. 1960 дар ин ҷо ҳавои сардтарини рӯи Замин (—88,3° С) ба қайд гирифта, қутби сардтарини Замин номида шуд. Ҳарор. баландтаринаш —21° С. Станция 16 дек. 1957 ба муносибати гузаронидани Соли байналхалқии геофизикӣ ташкил дода шуд. Дар «В.» мушоҳидоти мунтазами аэрометеорологию актиномстрӣ, геофизикӣ, гля-

диологй, магматизми Замин, физикаи литосфера, иччунин тадқиқоти махсуси тиббй бурда мешаванд. «В» ба шарафи яке аз киштиҳои экспедитсияи аввалини антарктикии рус (18.I–21), ки бо рохбарии Ф. Ф. Беллинсгаузен ва М. П. Лазарев ташкил шуда буд, чунин номида шудааст.

«ВОСХОД», номи силсилаи киштиҳои қайҳонии бисьёрчоии совети, ки барои парвоз дар мадорҳои наздизамини таъин шудаанд. Аввалин «В» киштии қайҳонии сечоне буд, ки 12 окт. 1964 ба мадори наздизамини бароварда шуд; массааш 5,3 т. Экипажи он В. М. *Комаров* (командири киштй), К. П. *Феоктистов* (ходими илмй) ва Б. В. *Егоров* (духтур), парвоз 24 соату 17 дақиқа давом кард.

Ракетаи баранда бо киштии қайҳонии «Восход».

Параметрҳои мадор: *перигей* 177,5 км, *апогей* 408 км. «В.» 13 окт. 1964 312 км дуртари шим. шарқи Кустанай беэзор нишаст. Конструкция ва таҷҳизоти «В» аз силсилаи киштиҳои қайҳонии *«Восток»* фарқ мекард, он бо системаи нишасти беэзор, муҳаррики тормозии эҳтиёти ва асбобҳои навтарин (системаи иловаги ориентация бо датчики нури, аппаратураи такмилёфтаи радиотехникиву телевизионй ва г.) таъмин буд. Вазифаи парвози «В» санҷиши киштии қайҳонии бисьёрчоя идорашаванда, тадқиқи қобилияти кори ва ҳамкории гурӯҳи қайҳоннавардон, мутахассисони соҳаҳои гуногуни илму техника, гузаронидани тадқиқоти физикиву техникй ва биологиву тиббй буд.

«Восход-2» — киштии қайҳонии дучоя, ки 18 марти 1965 ба мадор бароварда шуд, парвоз 26 соат давом кард. Параметрҳои мадор: перигей 173 км, апогей 498 км. «В-2» барои аз киштй ба фазои қайҳон баромадани инсон таҷҳизоти зарурй (шлюз) дошт. Экипажи он — командири киштй П. И. *Белаев* ва пилоти дуюм А. А. *Леонов*. Ҳангоми ин парвоз Леонов бори аввал дар таъриҳи инсоният ба фазои қайҳон баромад. Қайҳоннавард дар скафандре ки системаи автономии ҳифзи ҳаёт дошт, аз ҳуҷраи камераи қайҳон 20 дақиқа берун шуда, 5 м дур рафт. Бо ҳамин бори нахуст исбот гардид, ки қайҳоннавард дар зиёдаи масъуе берун аз киштии қайҳонй кор карда метавонад. Процесси ба фазои қайҳон берун баромадани Леонов ва инсоне ки ин парвоз берунро ба амал тирафт «В-2» 19 марти 1965 дар наздии ш. Перм дасти идора шуда ба Замин беэзор нишаст.

ВОҚЕИЯТ, шиг. *Имконият ва воқеият.*

ВОҚИФ (ع), Мулло Алиқули Халҳоли (с. таҳ. ва ваф. номаълум), шоири а. 17 точик. В. ҳоҳарзодаи Воқиф Мулло Насруллоҳи Халҳоли буда ва аз ин сабаб Воқиф таҳаллус кардааст. Вай дар навъҳои гуногуни шеър, хусусан дар ғазал устод будааст. Аз у девони ғоҳи мондааст.

ВОҚИФ (ع), Мулло Насруллоҳи Халҳоли (с. таҳ. номаълум — ваф. 1553, Ҳалаб), донишманд ва шоири точик. Дар Исфаҳон ба камол расида, ба Туркия ҳиҷрат кардааст. В. ҳошия ва таъликоте бар рисолаи «Исбот-ул-воҷиб» и Алломан Давонй, шарҳе бар «Ҳидоя» и Майбадй ва китобе бо унвони «Маҷмуат-ул ҳисоб» навиштааст. Илова бар ин, шоири хубе буда, девони ғазалиёташ боқист.

ВОҚИФ Мулло Паноҳ (таҳр. 1717, деҳаи Салоҳлии ҳолиря р-ни Қазоқ — 1797, ш. Шуша), шоир ва ходими давлатии олар. Аз оилаи деҳқон. Забонҳои араби ва форсиро хуб медонист. Дар наздии устодони мусиқии дарс омӯхта буд. Аввал муаллими карда, баъд вазири умури ҳоричии ҳокими Қарабоғ шудааст. Дар вақти ба дасти Муҳаммадбеки Чавоншер гузаштани ҳокимияти Қарабоғ В. ба катл расонида шуд. Нусхаи аслии шеърҳои шоир боқи намонда бошад ҳам, баъзтар аз байтҳо ва аз даҳонй гуяндаҳои халқи (оштуқҳо) гирд оварда шудаанд. Маҷмуаи ашъори В. аввалин бор с. 1856 ва баъд пурратараш 1945 ба табъ расид. В. дар наҳми олар саҳифаи нав кушода, маъмуни онро ба зиндагии мардуми наздик кард. Лирикаи у ҳаётдӯстона аст. *З. Ахрори.*

ВОҲА, мавзеи обод дар биёбон ва нимбиёбон. Дар В. намиҳо табиии нисбат ба диг. ноҳиҳо бештар аст. Сатҳи обҳои зериҳамиии болоо буда, чашмаҳо ҳастанд. Дарёҳо ҳар сари чанд вақт обгеҳ мешаванд. В. ро аксаран аз дарёе, ки, канолу чоҳҳо обёри мекунанд. Аз даҳҳо то то даҳҳо ҳазор гектар масоҳат дорад. В.-ҳои калон дар биёбонҳои Африкаи Шимолй, Осиёи Пеш ва Осиёи Марказй маълуманд. Дар СССР В.-ҳо дар поёнии д. Аму, водиҳои Фарғона, Мурғоб ҳастанд. Одатан, В. сераҳолй мешавад. Баъзе қитъаҳои аз ин ҳавзи Антарктидаро низ В. меноманд.

ВОҲИД, 1) ҳурдтаринии ададҳои натурали а = 1. Ҳангоми ба 1 зарб кардани адади дилхоҳ бо ҳамин адад ҳосил мешавад. 2) Дар маҷмуи предмет ё элементҳое, ки бояд таҳлил шаванд, бештар ягона амал (мас., ҷамъ ё зарб бараи ададҳо) муайян карда мешавад, онро бо аломати ◆ ишора мекунем. Агар барои ҳар ҷуфт элементи *a* баробарихои *a* ◆ *b* = *a* ва *b* ◆ *a* = *a* ва ◆ *a* = *a* ва ◆ *a* = *a* ҳаро шавад, элементи *e* и маҷмуъ нисбат ба амали муайян шуда воҳиди ҳамин маҷмуъ номида мешавад. Баробарихо аз ин дигар вобаста нестанд, яъне, агар *a* ◆ *b* ≠ *b* ◆ *a*. Бинобар ин воҳиди чап ва воҳиди рост фарқ мекунанд, яъне $e_л$ ва $e_р$-ро, ки *a* ◆ $e_р$ = *a*, $e_л$ ◆ *a* = *a* аст. Агар дар маҷмуъ чанд амал муайян шуда бошад (мас., ҷамъ ва зарб), В. нисбат ба яке аз амалҳо (бештар ба зарб) В. номида мешавад. 3) Дар назарияи ададҳои алгебравй ва назарияи функцияи алгебравй таҳсимкунандаи якро, яъне элементи *a*-ро, ки барои он чунин элементи диг. *b* интихоб кардан мумкин аст, ки *ab* = 1 шавад. В. меноманд.

ВОҲИДИ АСТРОНОМӢ (в. а.), воҳиди масофа дар астрономия. Ба масофаи миёнаи Замин то Офтоб баробар аст. Бино ба феҳристи собитаҳои умдаи астрономй, ки Иттиҳодиёи байналхалқии астрономи таъсия кардааст (1964), 1 в. а. = 149,6 млн км аст. Асосан дар ҳисоб кардани масофаҳои байни ҷирмҳои системаи Офтоб, иччунин масофаи байни ду ситораи кушаситорахо истифода мешавад.

ВОҲИДИ МАВҲУМ, адади *i*, адади ҳаёлй, ки квадраташ ба минус як баробар аст, яъне $i = \sqrt{-1}$.

ВОҲИДИ МАССАИ АТОМӢ, воҳиди массаи молекула, атом ва заррачаҳои элементарй. 1/16 ҳиссаи массаи изотопи устувори оксиген-ро, ки адади массавиаш (адади умумии протон ва нейтронҳои ядро) ба 16 баробар аст, то с. 1961 В. м. а. меҳисобиданд:

1 В. м. а. = 1,65976 · 10^{-24} г = 1,65976 · 10^{-27} кг.

Аз с. 1961 дар физика ва химия ягона В. м. а. қабул шуд. Ин воҳид ба 1/12 ҳиссаи массаи изотопи карбон (адади массавиаш 12) баробар аст: 1 В. м. а. = 1,66043 · 10^{-24} г.

Барои заррачаҳои элементарй (электрон, нуклон, мезон ва г.) чун воҳиди масса массаи электрон қабул шудааст, ки ба 5,486 · 10^{-4} В. м. а. ё 9,1091 · 10^{-28} г = 9,1091 · 10^{-31} кг баробар аст.

ВОҲИДИ ХУРОКИ ЧОРВО, воҳиди ченак ва муқоиса гизоии умумии хурока чорво. В. х. ч. и советиро с. ҳои 1922—23 Комиссияи совети илмии зоотехникии Комиссариати халқии зироати РСФСР таҳти рохбарии Е. А. Богданов кор карда баромадааст. Ба сифати воҳиди гизоии 1 кг сулиаи хуши қабул карда шудааст. Гизоии ин В. х. ч. ки аз руи рецептҳои гуногуни ем муайян карда мешавад, ба 150 г равғаи ё 1416 ккал (5,95 Мдж) баробар аст. В. х. ч. и совети ҳосилаи эквиваленти озор (ирахмал) аст (1 В. х. ч. 0,6 эквиваленти озор). Дар асоси В. х. ч. меъёри хурока чорворо ҳисоб мекунанд.

ВОҲИДОВ Маҳмуд (10.10.1939, по. сёлаи Шайдони р-ни Ашт — 9.11.1977, қабраш дар Душанбе), актор ва режиссёри совети точик. Арт. Халқии ҶСС Точ. (1973). Аз оилаи деҳқон. Ин ти давлатии санъати театрии Москва (ГИТИС)-ро с. 1960

хатм кард. С-ҳои 1960—61 актёри Театри мусиқӣ-драмавии ш. Ленинобод, аз 1961 актёри Театри давлатии академии драмаи ба номи Лоҳутии Душанбе. Амиқ кушодани ҷаҳони ботинии қаҳрамон, дарк намудани ҷиҳатҳои психологии образ, овози ҳарангдор ва хусусан таъсири амиқи эмоционалӣ ба тамошобин ҷиҳатҳои асосии маҳорати артистии ӯ мебошанд. Рольҳои асосии ичрокардаи В.: Митя («Камбағалӣ айб нест»-и А. Островский, 1960), Дурандарте («Шоҳ гаваэн»-и К. Гоцци, 1960), Незнамов («Гунаҳгорони бегуноҳ»-и А. Островский, 1962, 1974), Кассио («Отелло»-и У. Шекспир, 1963), Бейли («Ҳуррият»-и Ғ. Абдулло, 1964), Ромео («Ромео ва Ҷульетта»-и У. Шекспир, 1963), Моцарт («Фоҷиаҳои хурд»-и А. Пушкин, 1966), Азизӣ («Дуэль»-и М. Байчиев, 1969), Бежан («Бежан ва Манижа»-и Ҳ. Хушкиноби, 1970), Эзоп («Эзоп»-и Г. Фигейреду, 1971), Рӯдакӣ («Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода, 1973), Мамбет («Қуллаи Фудзияма»-и Ч. Айтматов ва Қ. Муҳаммадчонов, 1974), Усмонхоҷа («Гарнизон таслим намешавад»-и Ҷ. Икромӣ, 1974), Хизрхон («Фарьёди ишқ»-и Ғ. Абдулло, 1975), Соломахин («Машварат»-и А. Гельман, 1976), Ясон («Медея»-и Еврипид, 1977) ва ғ. Дар саҳнаи тоҷик

М. Воҳидов дар рольҳо: аз чап—Незнамов («Гунаҳгорони бегуноҳ»-и А. Островский, 1974); аз рост — Аҳмади Дониш (фильми «Ситора дар торикистон», режиссёр А. Рахимов, 1972).

В. асосгузори намоиши театрӣ бо иштироки як актёр аст. Ӯ мураттиб, режиссёр ва ичрокунандаи якчанд намоишҳо, мисли «Гуфтугӯ бо худ» (аз рӯи рубоиёти Умари Хайём, 1967), «Ватан ва фарзандон» (1969), «Ишқи зиндагӣ» (1971) ва ғ. Истеъдоди режиссёрии ӯ дар спектакли «Алломаи Адҳам ва дигарон»-и С. Улуғзода (1976, дар роли Пашков худи В.) равшан зоҳир шудааст. В. инчунин дар фильмҳои киностудияи «Тоҷикфильм»: «Зумрад»—роли Шариф (1961), «Ҳасани аробакаш» — Рачаб (1965), «Ҷӯра Саркор» — котиби райком Қодиров (1965), «Достони Рустам» — Тӯлод (1971), «Ситора дар торикистон»—Аҳмади Дониш (1972), «Асрори гузаргоҳ» — Олим (1973) ва ғ.-ро бозидааст. Лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷ. ба номи Рӯдакӣ (1972). В. бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медальҳо мукофотонида шудааст. *К. Назиров*

ВОҲИДОВ Турсунбой (тав. 1934, деҳаи Ғулакандози р-ни Пролетари вил. Ленинобод), механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1978). Аз с. 1951 механизатори к-зи ба номи Ленини р-ни Пролетар. С-ҳои 1976—77 бо мошини худ 270—346 т пахта ғундошт. Бо 2 ордени Ленин, медальҳо ва бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

ВОҲИДОВ Қаландар (тав. 1900, қиш. Биникулӯта, тумани Файзобод), иштирокчии фаъоли мубориза дар роҳи пойдор намудани Ҳокимияти Советӣ ва сохтмони социализм дар Тоҷикистон. Аз оилаи деҳқони камбағал. С-ҳои 1923—29 хизматчии Комитети революционии Файзобод, роҳбалади қисмҳои Армияи Сурх, раиси Комитети ҷангии райони Файзобод оид ба муборизаи зидди босмачиён буд. С-ҳои 1930—36 вакили Комиссариати халқии зироати РСС Тоҷ. оид ба заминсозӣ, раиси яке аз колхозҳои р-ни Орҷоникидзеобод. Минбаъд дар к-зи «Съезди 19 партия»-и ҳамин район дар вазифаҳои гуногун кор кард. Аз с. 1961 нафақахӯр. Бо ордени Байраки Сурхи Ҷангии РСС Тоҷ. мукофотонида шудааст. *И. Келдиев.*

ВОҲИДҲОИ БУЗУРГИҲОИ ФИЗИКӢ, ниг. *Системаи воҳидҳо.*

ВОҲИДҲОИ ДУӢ (дар *назарияи информация*), воҳидҳои ченкунии *энтропия* ва миқдори *информация*. Манбае, ки ду маълумоти баробарэҳтимол дорад, ба 1 воҳиди дӯӣ ё 1 бит (bit, аз англ. binary digit) энтропия соҳиб мебошад.

ВОҶИБУЛВУҶӮД (ар. واجب الوجود — ҳастии зарур), истилоҳи фалсафаи *машшоия* ва *калом*. Машшоиён ва мутакаллимон ҳастиро ба ду навъ: воҷибулвуҷуд (ҳастии зарур) ва *имконулвуҷуд* (вуҷуди мумкин) ҷудо карда, дар мафҳуми В. худо ва дар мафҳуми имконулвуҷуд тамоми мавҷудоти дигарро мефаҳмиданд. Аммо файласуфони машшоъ ва мутакаллимон аз шарҳи таносуби В. ва имконулвуҷуд хулосаҳои гуногун мебароварданд. Файласуфони машшоъ муносибати байни В. (худо) ва имконулвуҷуд (олам)-ро ҳамчун робитаи байни сабабу натиҷа эзоҳ дода, аз он дар бораи абадияти олам (ниг. *Азалу абад*) хулоса мебароварданд ва қудрату ихтиёри худоро ба амри зарурат тобеъ мекарданд. Мутакаллимон (Муҳаммади *Ғаззолӣ*, Фахруддини *Розӣ*) бар хилофи файласуфони машшоъ (*Ибни Сино*, *Насируддини Тӯсӣ*) худоро на сабаб, балки офаридгори соҳибихтиёри олам номида, абадияти оламро инкор мекарданд. *К. Олимов.*

ВРАВЗ, деҳа, маркази С. қ. Водхуд, р-ни Ванҷи ВАБК. Терр. с-зи «50-солагии СССР». Аз В. то маркази район 23 км, роҳ мошингард. Аҳол. 221 наф. (1976), тоҷикон. В. мактаби миёна, пункти тиббӣ, клуб, китобхона, магазин, ошхона ва шӯъбаи алоқа дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ ва тамокукорӣ. Заминҳо аз д. Врава обьёрӣ мешаванд.

ВРАНГ, деҳа, маркази С. қ. Вранг ва с-зи ба номи Ленин, р-ни Ишкошими ВАБК. Дар сари роҳи мошингарди Ишкошим—Мурғоб воқеъ аст. Аз В. то маркази район 83 км. Аҳол. 1010 наф. (1976), тоҷикон. Мактаби миёна, клуб, шӯъбаи алоқа, пункти тиббӣ, магазин ва китобхона дорад. Соҳаҳои хоҷагӣ — чорводорӣ, ғаллакорӣ (гандум, ҷав). Заминҳо аз д. Вранг обьёрӣ мешаванд.

ВРАНГЕЛЬ Пётр Николаевич (15. 8. 1878 — 25. 4. 1928, Брюссель), барон, яке аз роҳбарони контрреволюция дар ҷануби Россия, генерал-лейтенант (1917). Аз дворянҳои губ. Петербург. Баъди Рев. Октябрь ба Қрим рафта, авг. 1918 ба армияи ихтиёрии гвардиячиёни сафед дохил шуд. С-ҳои 1919—20 фармондеҳи Армияи Кавказ ва Армияи ихтиёриён буд. 14 нояб. 1920 баъди дар Қрим аз Армия Сурх шикаст хӯрдан ба хорича гурехт.

ВРАНГЕЛЬ Фердинанд Петрович (9. 1. 1797, Псков — 6. 6. 1870, Тарту), баҳриноварди рус, адмирал, аъзои фахрии АФ Петербург (1855). Яке аз асосгузорони Ҷамъияти географии рус. Корпуси баҳриро хатм кардааст (1815). С-ҳои 1817—19 дар саёҳати гирдиҷаҳонии В. М. Головнин (дар киштии «Камчатка») иштирок дошт. С-ҳои 1820—24 барои тадқиқи заминҳои шимол ба отряди экспедиционии Колыма сардорӣ кард. Экспедиция доир ба яхҳо, геомагнетизм ва иқлим тадқиқоти пурқимат гузаронида, дар бораи сарватҳои табиӣ ва сокинони ин маҳалҳо маълумот гирд овард. С-ҳои 1825—27 сардори экспедицияи гирдиҷаҳонии рус дар киштии «Кроткий», 1829—35 сарҳокими муҳоҷирони рус дар Америка, 1840—49 директори ширкати Россияю Америка, 1855—57 вазири баҳр. В. муаллифи китоби «Саёҳати соҳилҳои шимолии Сибирь ва Баҳри яхбаста» ва якчанд асар дар бораи халқҳои шим. ғарбии Америка.

ВРАНГЕЛЬ, ҷазира дар уқ. Яхбастаи Шимолӣ, дар сарҳади б-ҳои Си-

бири Шарқи ва Чукот. Аз материк ба воситаи гул. Лонг чудо аст. Ба хайати округи автономии Чукот, вил. Магадани РСФСР дохил мешавад. Масоҳ. такрибан 7300 км². Баландиаш то 1096 м (к. Советская). Кулҳои хурд бисьёранд. Асосан аз филлитҳо, варақсангҳои кристалли, граниту гнейсҳо иборат аст. Иклимаш сард. Харор. миёнаи янв. аз — 21,3° то — 23,3° С. Тобистонаш кутоҳу салкин, харор. миёнаи июль 2—2,5° С. Чазира тамоми сол дар ях ҳаст. Дар кӯҳҳо пирьяхҳои хурд мавчуданд. Набототаш тундраги. Аз ҳайвонҳо: лемминг, рубоҳи шимоли ва аз парранда ҳо гоз, кайра ва г. вомехуранд. Ба чазира номи баҳриаварди рус Ф. П. Врангель дода шудаст.

ВРОЦЛАВ (Wrocław), шаҳр дар чан. ғарбии Польша, дар соҳили д. Одер. Маркази маъмурии воеводаи Вроцлав. Узели калони наклиет ва бандари дарьёи. Аҳол. 523 ҳаз. нафр. (1970). Яке аз марказҳои муҳими иктисодию маданиии мамлакат. Соҳаи асосии саноаташ: мошинсозӣ (электровоз, вагон, кишти, дастгоҳу асбобсозӣ ва г.). З-дҳои металлургиаи ранга, саноати химия (пахи сунъи, нурҳои фосфорӣ, локу ранг), хурокворӣ, дузандаги, полиграфия, станцияи электрикии олави (ТЭС) ва з-ди газ дорад. Дар В. ун-т, 6 ин-т, китобхонаи илмӣ, театри опера, боғи ҳайвонот воқеанд. Ёдгориҳои меъмории асрҳои 13—16 боқӣ мондаанд.

Бори нахуст дар маъхазҳои с. 980 зикр шудаст. Аз с. 1335 ба ҳайати подшоҳии Чехия дохил шуда, с. 1742 ба Пруссия тобеъ гардид. 6 мая 1945 В-ро Армияи Совети озод кард ва худи ҳамон сол ба Польша ҳамроҳ шуд.

ВРУБЕЛЬ Михаил Александрович (17. 3. 1856, Омск—14. 4. 1910, Петербург), рассоми рус. Дар АР Петербург (1880—84) дар назди П. П. Чистяков таҳсил намудаст. В. анъанаҳои И. Н. Ге ва А. А. Иванов ро идома додаст. Асарҳои В. дорои психологизми амиқ буда, символизми назми русро ба ҳунар меоранд. Кӯшиши пайвастани санъат ба ҳаёт, чустучӯи услуби олии монументали эчодиёти В-ро ба рамзиаи «модерн» назди кардаст (трактаи «Фауст», 1884, Нигористони Третьяков). Аммо асарҳои В. аз сӯлеҳаи ва «модерн» одитаранд дар онҳо («Карибаи шаб», 1900, «Гулҳо», 1901, ҳарду дар Нигористони Третьяков) алоқаманданд чаҳони бо тиниаи нисбӣ бо тобиати шиддателерамзиаи ифода ёфтаст. Дар ҳодиҳоҳо Кирилл ва Владимири шаҳри Киев (1884—89) бо санъати баланд: иконаҳо ва нақшҳи деворҳоро офаридаст. «Духтарак дар замиаи қолиҳи форсӣ» (1886, Музеи санъати рус, Киев) асари машҳури В. аст. Мусаввараи «Азозил» (1890) ва иллюстрацияи асари ҳамноми М. Ю. Лермонтов «Азозили маглубшуда» (1902) образҳои фочиавиаанд, ки дар тасвири онҳо рассом ҳунарнамоии кардааст. С-ҳои 1900-ум эчодиёти В-ро руҳи пессимисти фаро мегирад (В. с. 1902 ба касалии руҳи гирифтор гашт ва 1906 нобино шуд). Асарҳои бехтарини дар солҳои охир офаридааш портретҳои Ф. А. Усольцев, 1904; Н. И. Забела—Врубель, 1905; В. Я. Брюсов ва якчанд натюрморту пейзажҳо мебошанд.

Тасвирро нигр. дар сах. 608—609.

ВРУБЛЕВСКИЙ (Wróblewski) Валерий Антоний (27. 12. 1836, деҳаи Жолудек, ҳоло вил. Гродно — 5. 8. 1908, Уарвиль, Франция), ходими ҳаракати революционии Польша ва баинналхалқи. Дар Ин-ти чангалпарварии Петербург таҳсил кард. Дар давраи шуриши Польша (1863—64) ба отрядҳои шуришгаронии губ. Гродно ва Люблин рохбарӣ кард. 7 янв. 1864 В. дар чанг сахт ярадор шуда, ба Франция рафт. Дар вақти чанги Франсияю Пруссия (1870—71) ба Гвардияи милли дохил гардида, дар мудофиаи Париж иштирок намуд. Баъди ҳалоки Коммунаи Париж генерал, рохбари отрядҳо буд. Баъди шикаст хурдани Коммуна ба Лондон ҳиҷрат кард. Аз с. 1872 аъзои Совети генералии Интернационали I, муҳорибаи К. Маркс ва Ф. Энгельсро бар зидди М. А. Бакунин дастгирӣ намуд. Рохбарӣ чамъияти революционии «Люд польский» (1872). Зери деворҳои Коммунарҳо, дар кабристони Пер-Лашезаи Париж дафн шудаст.

ВТУЛКА, чуҳаи дарунхолии силиндрӣ ё конусии мошин, механизм ё асбоб, ки ба он деталҳо дигарро ҳо мекунанд. В. вобаста ба таъиноташ подшипникӣ, насбӣ, таҳвилӣ ва г. мешавад.

ВУЛ Евгений Моисеевич (тав. 22. 5. 1903, Белая Церковь), физики совети, акад. АФ СССР (1972, аъзои корр. 1939). Қаҳрамони Меҳнати Социалисти (1969). Аъзои КПСС аз с. 1922. Ин-ти политехникии Киевро с. 1928 ҳатм кард. Аз с. 1932 дар Ин-ти физикаи АФ СССР кор мекунад. Рохбари лабораторияи физикаи диэлектрикҳо, ки ҳудаш с. 1933 ташкил кардаст (ҳоло лабораторияи физикаи нимноқилҳо). Аз с. 1951 аъзои Сарҳадкашии КСД. Асарҳои В. ба физикаи диэлектрикҳо ва нимноқилҳо оиданд. Сегнетоэлектрикаи нав титанати барий ($BaTiO_3$) ро кашф кард (1944). Дар ин қатор асарҳояш р-п гузаришро дар нимноқилҳо ва асосҳои назарияи асбобҳои нимноқилро таҳлил кард. Бо рохбарии В. дар СССР нахустин намунаҳои асбобҳои нимноқилии сол та шуд. Аввалин шуда ба сифати конденсаторҳои ғайрихаттӣ истифода бурдани р-п гузаришҳоро пешниҳод кард, ки ҳоло дар қувватдиҳандаҳои параметри васеъ татбиқ мешавад. Дар с. 1962 бо ҳамкории диг. олимон аввалин дар СССР генератори квантии нимноқилиро сохт. Лауреати Мукофоти ленинӣ (1964) ва Мукофоти давлатии СССР (1946). Бо 4 ордени Ленин ва диг. ордену медалҳо мукофотонида шудаст.

ВУЛКАНИЗАЦИЯ, процесси технологии истеҳсоли резина, ки ҳангоми он каучук ба резина табдил меёбад. Дар натичаи В. устувории сахти, эластики, ба ҳунуки ва гарми тобоварии каучук баланду дарачаи ва рамкуни ва ҳалшавиаш дар ҳалқунандаҳои органикӣ паст мешавад. Дар массаи каучук ба вучуд овардани бандҳои химиявии кундаланги баинмолекулавӣ, ки бӯиси пайдо шудани хосиятҳои дар болоҳикршуда мегардад, моҳияти В-ро ташкил медиҳад. Адад ва сохти ин бандҳо ба моддаҳои вулканизационӣ (сульфур, пероксидҳои органикӣ, нитроҳои синтетӣ ва г.), тезкунандаҳои В. (сульфидҳои органикӣ, меркаптанҳо ва г.) ва фаъолкунандаҳои В. (ZnO, MgO ва г.) вобастаанд. Дар В. одатан омехтаи каучук бо моддаҳои гуногун (пурқунанда, нармқунанда, моддаҳои аз кӯҳнашавӣ нигоҳдоранда ва г.), ки хусусиятҳои ҳатмии истифодаи резинаро таъмин мекунанд, кор фармуда мешаванд. Барои ҳосил кардани резинаи мукаррарӣ каучук бо сульфур (В. и сульфурӣ) В. карда мешавад. В. бо сульфури ҳолис дар харор. 140—160° С, бо хлориди сульфур (S_2Cl_2) бошад ба тарм кардан мегузарад. Барои ҳосил кардани резинаҳои махсус (резинаҳое, ки аз чиҳати химиявӣ устувор ва ба тарми тобоваранд) пероксидҳои органикӣ, диамонпайвастҳо ва г. (В. и бесульфурӣ), ултрашуоъҳои кобальти радиоактив, чараёни пурқуввати электронҳо (В. и радиационӣ) ва ғайр. Дар С. тарми (В. и терми) ҳамчун вулканизаторҳо истифода мешаванд. В-ро одатан дар қолаб, автоклав ва диг. дастгоҳҳо ва ҳатти фишори баланд ё дар ҳолати озод мегузаронанд.

ВУЛЬГАРИЗМ (лот. vulgaris), ин ҳамаи ибораҳои дурушт ва ба ҳаёи адаби ҳос нестанд (сакалту, лайду ва г.). В. дар нутқи персонажҳои адабиёт, ба ҳисоб ва мақсадҳои миёнаи услуби ба кор бурда мешавад. Ҳаҷвҳо ва ҳаҷвҳо дашномҳо ва г. ба ҳуҳ ... М. Мухтасарова.

ВУЛЬФЕНИТ (аз номи минералогии австриягӣ Ф. Вульфен, 1728—1805), минерал, таркиби химиявиаш $Pb[MoO_4]$, 26,6% MoO_3 дорад. Системаи кристаллиҳандиаш тетрагонӣ. Кристаллҳояш турҳои квадратӣ ё пирамидашакл. Ҳаҷмуи кристаллҳо то 20 см ва массаи ҳаҷмиаш то 1 кг дучор мешавад. Рангаш сурх, ҳирмӣ, ҳаҷмӣ, сурх, чиҳаш алмосӣ

Сахтиаш 3,0—3,5; зичиаш 6500—7000 кг/м³. Дар зонаи оксидшавии конҳои сурбу рух, ки омехтаи сульфиди молибден дорад, ба вуҷуд меояд. Аз В. сурб ва баъзан молибден ҳосил мекунанд. Дар конҳои сурбу руҳи шимоли Тоҷикистон (Олтинтопкан, Консой ва г.) вомехӯрад.

ВУЛҚО́Н, в у л к а н, дар асотири Рими Қадим худои оташ, инчунин ҳомии оҳангарон. Бо худои Юнони Қадим *Гефест* айният дорад.

ВУЛҚО́Н (аз номи худои оташ), кӯҳи оташфишони конусшакл, ки ба воситаи тарқишҳои он аз қаъри Замин лава, газҳои тафсон ва ҳар гуна ҷинсҳо берун меоянд. Аксари кӯҳҳои вулқонӣ аз ҷинсҳое таркиб ёфтаанд, ки дар вақти оташфишонӣ берун рехтаанд. Баландии В.-ҳо ба якчанд км мерасад: Котопахи дар Америкаи Ҷанубӣ (5896 м), Ключевская Сопка дар Камчатка (4750 м). Дар ҷаз-ҳои Гавай баландии В.-ҳо аз қаъри уқьёнус қариб ба 8 км мерасад. Аксар вақт ҳангоми оташфишонӣ деворахои танӯра гудохта шуда меафтанд ва пастхамиҳои азими (барашон то 15—30 км) ҷармонанд (кальдераҳо) ба вуҷуд меоянд. В.-ҳо амалкунанда, хуфта ва хомӯш мешаванд. В.-ҳ о и а м а л к у н а н д а мунтазам ва ё ҳар сари чанд вақт оташфишонӣ мекунанд. Инҳо инчунин В.-ҳое мебошанд, ки дар бораи оташфишониашон маълумоти таъриҳӣ мавҷуд аст; ба ин гурӯҳ боз В.-ҳое дохил мешаванд, ки аз оташфишонии онҳо хабаре нест, вале аз худ газ ва оби гарм мебароранд. В.-ҳ о и х у ф т а, сарфи назар аз он, ки дар бораи оташфишониашон маълумот нест, шакли худро нигоҳ доштаанд ва дар зеру атрофи онҳо зилзилаҳо рӯй медиҳанд. В.-ҳ о и х о м ӯ ш хеле вайрону шуста шудаанд ва дар онҳо аз оташфишонӣ осоре нест. Оташфишониҳо дарозмуддат (аз якчанд сол то даҳҳо ва садҳо сол) ва кӯтоҳмуддат (якчанд соат) мешаванд. Зилзилаҳои вулқонӣ, таҳлили ёфтани таркиб ва хосияти магнитии газҳои фумаролӣ ва г. нишонаҳои пешакии оташфишонианд. Вобаста ба таносуби миқдори моддаҳои вулқонӣ (газмонанд, моеъ ва сахт) оташфишониро ба 4 типи асосӣ ҷудо мекунанд: гавайӣ, стромболӣ, гунбазӣ ва вулқонӣ. Ба о т а ш ф и ш о н и и г а в а й ӣ нисбатан оромона берун рехтани лаваи моеъ (базальтӣ) хос буда, дар танӯра ва атрофи он кӯлу селҳои лаваги пайдо мешаванд (Мауна-Лоа, Мауна Кеа дар ҷаз-ҳои Гавай). О т а ш ф и ш о н и и с т р о м б о л ӣ аз таъсири газҳои зиёде рӯй медиҳад, таркишҳои хурд ва селҳои калони лава ба амал меоянд (В.-ҳои Стромболи дар ҷаз-ҳои Липар). Барои о т а ш ф и ш о н и и г у н б а з ӣ — аз тазъиқи пуршиддати газҳо фушурда шуда, ба воситаи канали В. зада баромадани лаваҳои ғализ ва ба худ шакли гунбазро гирифтани онҳо хос аст (В.-ҳои Пюи-де-Дом ва Семячики Маркази дар Камчатка). Ҳангоми о т а ш ф и ш о н и и в у л қ о н ӣ моддаҳои газмонанд боиси таркишҳо ва чун фаввора берун рехтани лаваҳои бисьёре мегарданд (В.-ҳои Вулькано, Авачинская Сопка ва Толбачик дар Камчатка). В.-ҳои имрӯза қадқади қ-кӯҳҳои ҷавон ё кафидаҳои азими қишри Замин, дар ноҳияҳои аз ҷиҳати тектоникӣ серҳаракат воқеъ гаштаанд. Аз се ду ҳиссаи В.-ҳо дар ҷазираю соҳилҳои уқ. Ором (минтақаи вулқонии уқ. Ором) ҷо гирифтаанд. Аз ҷиҳати шумораи В.-ҳои амалкунанда ноҳияи уқ. Атлантик ҷои дуюмро мегирад. Дар СССР В.-ҳои амалкунанда дар Камчатка (28) ва ҷаз-ҳои Курил (39) мавҷуданд. Дар рӯи замин қариб 2500 оташфишонӣ қайд шудааст, ки зиёда аз 2000-и он ба ҳавзаи уқ. Ором рост меояд. Дар натиҷаи оташфишониҳо дар хушкӣ шаклҳои конусмонанди рельеф, дар уқьёнусҳо ҷаз-ҳои калон пайдо мешаванд (ҷаз-ҳои Гавай, Вознесения ва г.). С. 79 м. ш-ҳои Рими Қадим Геркуланум ва Помпеи дар зери хоқистари вулқони Везувий монда буданд. В.-ро илми *вулқоншиноси* меомӯзад.

ВУЛҚОНИЗМ, маҷмӯи ҳодисоте, ки аз ҷойивазкунии магма дар қишр ва сатҳи Замин ба амал меояд. Нишонаи хоси В. дар рӯи Замин вулқонҳоянд. Дар қаър бошад, В. дар шакли интрузияҳо (ҷойгиршавии массаҳои зиёди магма дар қишри Замин) зоҳир мегардад. Дар ин гуна ҳолатҳо аз ҳарорати баланд ва таъсири химиявии магмаи гудохта ҷинсҳои атроф хеле тағйир меёбанд. Тахмин мекунанд, ки пайдоиши танӯра ва кальдераҳои Моҳ низ ба ҳодисаҳои В. вобаста аст.

ВУЛҚОНШИНОСИ, илм дар бораи ҳодисаҳои вулқонизм дар рӯи Замин ва қаъри он. В. процессу сабабҳои пайдоиши вулқонҳо, инкишофи онҳо, сохт ва таркиби маҳсули оташфишонӣ (лаваю газҳо ва г.), қонуниятҳо дар рӯи Замин ҷойгиршавӣ ва бо мурури замон тағйир ёфтани амалиёти вулқонҳоро меомӯзад. Аҳамияти амалии В. аз такмили усулҳои пешгӯии оташфишонӣ ва барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқ истифода бурдани оби гарму буғи вулқон иборат аст. В. бо илмҳои геология, геотектоника, геофизика, геохимия ва петрография алоқаи мустаҳкам дорад. Ҳар як оташфишонӣ дар обсерватория ва ё станцияи вулқоншиноси назорату қайд карда мешавад. С. 1842 дар нишебаи вулқони Везувий (Италия) муассисаи махсуси илмӣ—обсерваторияи В. ташкил шуда буд. Ин ба омӯзиши ҳаматарафаи амалиёти вулқонҳо асос гузошт. С. 1911 назди вулқони Килауэа (ҷаз-ҳои Гавай) обсерваторияи В. сохта шуд. Сонитар ҳамин гуна обсерватория ва станцияҳо дар Индонезия ва Япония пайдо шуданд. Дар СССР илми В.-ро олимон Ф. Ю. Левинсон-Лессинг, А. Н. Заварицкий, В. И .Влодавец ва диг. инкишоф медоданд. Муассисаҳои нахустини вулқоншиноси дар Камчатка (наздикии доманаи вулқони Ключевская Сопка) ташкил ёфтанд. Лабораторияи вулқоншиноси Москва, ки с. 1945 ташкил шуда буд, охири с. 1962 ба Ин-ти вулқоншиноси АФ СССР (Петропавловски Камчатка) табдил ёфт. Ғайр аз муассисаҳои номбурда, бо омӯзиши вулқонҳо инчунин лабораторияи Ин-ти комплексии тадқиқоти илмии Сахалин ва ин-тҳои геологии Арманистон, Гурҷистон ва г. машғуланд. Натиҷаҳои тадқиқот дар бюллетеньҳои махсуси АФ СССР нашр мегардад.

ВУЛҚОНҲО́И ЛОЙФИШО́Н, с а л ь з а ҳ о, м а к а л у б а ҳ о, талҳои лойфишони гуногуншакл, ки мунтазам ё баъзан массаҳои лой ва газро аксаран бо обу нефть ба рӯи Замин мебароранд. Асосан дар ноҳияҳои нефтьдору вулқонӣ вомехӯранд. В. л. дар СССР (соҳили шарқии Каспий, нимҷаз-ҳои Апшерон, Тамань; Гурҷистони Шарқӣ) ва хорича (Италия, Исландия, Зеландияи Нав, Америкаи Марказӣ) маълуманд.

ВУ́ППЕРТАЛЬ (Wuppertal), шаҳр дар музофоти Рейн-Вестфалияи Шимолии Республикаи Федеративии Германия. Дар соҳили д. Вуппер (ҳавзаи Рейн) воқеъ аст. Аҳол. 414 ҳаз. наф. (1970). Узели муҳими нақлиёт, маркази калони саноати бофандагӣ ва савдои Рур. Саноати мошинҳои бофандагӣ, химия, фармацевтӣ, истеҳсоли коғаз, резин тараққӣ кардааст. Прокат, таҷҳизоти электронӣ истеҳсол мекунад. Академияҳои маъмурӣ, иқтисодӣ, педагогӣ, техникӣ; консерватория, театри опера мавҷуданд. С. 1929 дар натиҷаи ҳамроҳ шудани ш-ҳои Бармен (зодгоҳи Ф. Энгельс) ва Эльберфельд ва ш-ҳои дигар ба вуҷуд омад.

ВУ́РҒУН Самад (тахал., ном ва фам. Самад Юсуф-ӯғли В а к и л о в; 12. 5. 1906—27. 5. 1956, Боку), нависанда ва арбоби ҷамъиятии Озарбойҷон. Шоири халқӣ, Ходими Хизматнишондодаи Санъати РСС Озарбойҷон (1943), акад. АФ РСС Озарб. (1945). Аъзои КПСС аз с. 1940. Аз оилаи деҳқон. Ун-ти давлатии Москваро хатм намудааст. Асарҳояш аз с. 1924 чоп шудаанд. Маҷмӯаҳои ашъораш «Савганди шоир» (1930), «Фонус» (1932) ба мавзӯи революция ва сохтмони ҳаёти нав бахшида шудаанд. Драмаи қаҳрамонию романтикии «Воқиф» (1937, Мукофоти давлатии СССР, 1941), шарҳи ҳоли шоири а. 18 Мулло Паноҳи *Воқиф* буда, драмаи ишқию қаҳрамонии

Аз с

1936 1937 1938

«Фарҳод ва Ширин» (1941, Мукофоти давлатии СССР, 1942), дар асоси «Хисрав ва Ширин» и Низомӣ эҷод шудааст. Драмаи маноуми «Одам» (1945) низ аз офаридаҳои В. аст. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мавзуи ватандӯстӣ, дӯстиҳои халқҳо асарҳо офریدааст («Сухани модарон», 1941; «Партизанҳои Украина», 1942). Достонҳои «Занги ҷаҳ меҷанад» (1948), «Ёдлоштҳо дар бораи Европа» (1947–50), «Ленинро мутолиа намудам» (1950), «Байраҳбардори аср» (1954) ва силсилаи шеърҳои «Китобҳои сухта» (1947) ба В. И. Ленин ва Партияи Коммунисти бахшида шудаанд. Эҷодиёти В. дар ташаккули забон ва услуби назми муосири онҳо таъсири судманд расонидааст. В. бо устод С.«Айни, А. Лоҳутӣ ва М. Турсунзода шиносоӣ ва мукотиба доштааст. Достони «Лайлӣ ва Мачнун» и Низомӣ ба озербойҷонӣ тарҷумаи ӯст. Асарҳои В. ба забонҳои лиеде, аз он ҷумла ба тоҷикӣ низ тарҷума шудаанд. В. депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1–4) буд. Бо 2 ордени Ленин ва ҷанд ордени дигару медалҳо мукофотонида шудааст.

ВУСТО (ар. وسطى — миёна), яке аз пардаҳои миёнаи *рд.* В. ду навъ аст: 1) «Вустои фурс» (форс) — пардаи 5-уми уд, ки бо ангушти миёна паҳоҳ та мешавад ва муаллифи он *Ношити Форсист*. Ин парда дар замони Форобӣ, Ибни Сино бо номҳои «Мучаннаб-ус саббоба», «Мучаннаб ул-вусто» маъруф буд. 2) «Вустои Заллало» — пардаи шашуми уд буда, муаллифи ин парда *Зеллали Розӣ* мебошад.

А. Раҷабов

ВУЧЕТИЧ Евгений Викторович (28. 12. 1908, Днепропетровск — 12. 4. 1974, Москва), ҳайкалтарошӣ совети. Рассоми Халқии СССР (1959), аъзои ҳаким. АР СССР (1953). Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ (1967). Аъзои КПСС аз с. 1943. С. солҳои 1926–30 дар мактаби рассомии Ростови Дон таҳсил гирифта, ба Самарқанд омадааст ва то 1931 дар ф-каи санъати тасвирии он ҷо кор кардааст. Солҳои 1931–33 дар ф-каи ҳайкалтарошии АР (Ленинград) таҳсил намудааст. Баъди хатми он боз ба Самарқанд бергашта, ба қатор асарҳо эҷод кардааст. Баъзе асарҳои «Партизан» ва «Ворошиловаи аспсавор» с. 1939 дар Намоишгоҳи байналҳалқии Парижи Меҳаи Кӯҳӣ ҷиҳоз гирифт. Дар солҳои ҷанг ва баъди он қаҳрамонию шуҷоати ҷанговарони Армияи Совети, ҳаҷмҳаҳои ҳиҷуниҳои меҳнати фидокоронаи марданаи пешқадами соҳаҳои социалистӣ мавзуи асосии эҷодиёти В. гашт. Ҳайкали генерал лейтенант М. Г. Ефремов дар Вязьма (1946), генерали армия Н. Ф. Ватутин дар Киев (1948); мучассама ва портретҳои генералҳо И. Д. Черняховский (1945) ва В. И. Чуйков (1947), Ф. Дзержинский дар Москва (1958), Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ Назарали Ниёзов (1948), М. Шолохов (1958) ва г. Ансамбли мучассамаҳои ҷанговарони дар муҳорибаҳои лидди фашизм ҳалокшудаи Армияи Совети ки дар Трептов-парки Берлин аз тарафи коллективи ҳайкалтарошон таҳти рӯҳбарии В. соҳта шудааст (1946–49), рамзи олодибахшии интернационализми ҷанговарони советист. В. барои ҳайкалҳои Ленин ва мучассамаи рамзии «Аз шамшерҳо поя месозем» (1957, низ бинои Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида, Нью-Йорк) дар Намоишгоҳи байналҳалқии Брюссель (1958), мукофоти «Гран-при» гирифт. Муҳимтарин асари В. силсилаи ёдгории қаҳрамонҳои муҳорибаи Сталинград мебошад, ки таҳти рӯҳбарии ӯ дар Курганӣ Мамаи Волгоград (1963–67) соҳта шудааст. В. бехтарин анъанаҳои реализмиҳои санъати ватанӣ ва ҷаҳонро ҳидоя дод. Лауреати Мукофоти давлатии СССР (1946, 1947, 1948, 1949, 1950), Мукофоти ленинӣ (1970), Мукофоти ба номи Ч. Нехру (барои портретҳои арбобони сиёсии ҳинд, 1978). Бо 2 ордени Ленин, ордени Ҷанги Бузурги Ватанӣ дараҷаи дуюм ва бисёр дигар медалҳо мукофотонида шудааст.

Е. В. Вучетич. Мучассамаи аскари совети дар Трептов-парк, Берлин (1946–1949).

ВЫБОРГ, шаҳр дар ноҳ. Ленингради РСФСР. Бандар дар ҳаҷ. Фин. Ҳаҷми р-о Аҳоҷ 72 ҳаз. наф. (1977). Дар В. асбобҳои электрикӣ, тачҳизоти саноати мӯҳ, маснуоти ҳиҷуниҳо истеҳсол мешаванд. Саноати ҳурок ворию сабук низ таракӣ кардааст. Омӯзишгоҳҳои авиатсиёнӣ ва тиб ба, муҳ. кашварҳо ҳаҳ. Ҳона музеи В. И. Ленин ҳаҳ. Ҳӯрӣ меҳмо ҳаҳ. (1293), маҳоҳои Мудеовар (1556), маҳоҳои Ратуша (аз асри 15–16) ва г. Дар бешаҳои атроф В. санаторияҳо ҳонаҳои истироҳат ҷой гирифтаанд.

Ҷои ҳамроҳи В. дар а. 12 ҳазорсолаи ҳаҳ. буд. С. 1293 шаҳрро ҳалқаи В. ро соҳтанд, ки дар атрофи он шаҳр бунёд ёфт. С. 1721 ба Россия ҳамроҳ карда шуд. Аз 17 сент. то аввали окт. 1917 дар В. В. И. Ленин панаҳ ёфта буд. Пас аз Рев. Октябрь В. ба Финляндия гулашт. Мувофиқи шартномаи сулҳ бо Финляндия (1940) В. ба СССР баргардонда шуд.

ВЫМПЕЛ (голл. wimpel), 1) байраки камбари душоҳа ва дароз, ки нишонаи мансубияти миллии киштӣ аст. 2) Чилдест бо лентаи рангаи дароз барои аз самолёт партофтани маълумотнома, мактуб, газета ва т. 3) Нишонаи металлиест, ки ба сатҳи сайёраҳои диг. ба воситаи ракетаҳо мефиристанд ва он аломати бори аввал ба сайёрае расидани ракетаи ин ё он давлат аст. Одатан дар руи В. номи давлат, герби он ва саҳаи сар дода шудани ракета сабт карда мешавад. 4) Байраҳчаи секунҷаест, ки командаҳои ҳариф пеш аз оғози мусобиқа ба нишонаи ҳурмат ва ҳотира ба ҳамдигар медиҳанд.

ВЫЧЕГДА, дарёе дар РАСС Коми ва вил. Архангельски РСФСР, шохаи рости Двинаи Шимолӣ. Тӯлаш 1130 км, масоҳ. ҳавзааш 121 ҳаз. км². Аз канори ҷанубии қиряжи Тиман оғоз меёбад. Манбааш асосан барф. Сарфи миёнаи солонаи об дар наздиҳ. Сыктывкар 500 м³/сон, дар ресиҳо ҳаҳ. — 1100 м³/сон. Аввали нояб. ях баста, охири апр. об мешавад. Шохобҳои асосиаш: аз рост — Воль, Вишера, Вымь, аз ҷап — Нем, Кельтма, Шимолӣ, Локчим, Сысола, Виледь. Бахор то Вольдино (959 км), тобистону тирамоҳ то Усть-Кулом (693 км) киштиҳо гард. Дар соҳилҳ. В. шаҳрҳои Сольвычегодск, Ирепск, Межог, Айкино, Сыктывкар, Усть-Кулом ҷойгир. ранд.

ВЫШИНСКИЙ Андрей Ануарьевич (10. 12. 1883, Одесса — 22. 11. 1954, Нью-Йорк, ШМА), ходими давлатии совети, ҳуқуқшиноС ва дипломат, акад. АФ СССР (1939). Аз с. 1903 аъзои партияи меньшевикӣ, аз с. 1920 аъзои РКП(б). Аз с. 1913 баъди хатми факультаи ҳуқуқшиносии Университети Киев ба корҳои адлиявӣ ва педагогӣ машғул шудааст. С. солҳои 1925–28 ректори Университети давлатии Москва. 1928–31 аъзои Коллегияи Комиссариати Халқии Маорифи РСФСР. Аз с. 1931 дар органҳои адлиявӣ кор мекард. С. солҳои 1935–39 прокурори СССР, 1939–44 ҷонишини раиси Совети Комиссарони Халқии СССР, 1940–49 ҷонишини вазири корҳои хориҷии СССР, аз 1949 то 1953 вазири корҳои хориҷии СССР, 1953–54 намояндаи СССР дар ТДМ. Дар сессиҳои 18 ва 19 ВКП(б) аъзои КМ интихоб шуд, депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 1–4). Бо 7 ордени ҳиҷуниҳо ва медалҳо мукофотонида шудааст.

В. муаллифи асарҳо оид ба масъалаҳои давлат ва ҳуқуқ («Курси назарияи ҳуқуқи» (Ҳ. В. Ушрасевич, 1927), «Ҳаёти суди дар СССР» (1929),

«Назарияи исботи судӣ дар ҳуқуқи советӣ» (1941), «Масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ» (1949) ва ғ. Дар асарҳои назариявии В. баъзе хатоҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Ин хатоҳои назариявӣ дар амал ба вайронкунии ҷиддии қонунияти социалистӣ сабаб шуда буданд.

ВЫШНЕГРАДСКИЙ Иван Алексеевич (1. 1. 1832, Вышний Волочёк — 6. 4. 1895, Петербург), олим ва ходими давлатии рус, асосгузори назарияи *танзими автоматӣ*, аъзои фахрии АФ Петербург (1888). Пас аз хатми Ин-ти педагогии Петербург (1851) — муаллими корпуси дуюми кадетии Петербург. Проф. механикаи Ин-ти технологии Петербург (1862) ва Академияи артиллерии Михайлов (1865). С-ҳои 1867—78 инженер-механики Саруправлениями артиллерӣ ва аз 1875 — директори Ин-ти технологии Петербург. Бо ташаббуси В. дар Россия омӯзиши асосҳои назариявии мошинсозӣ ҷорӣ шуд. В. дар Ин-ти технологӣ ва Академияи артиллерии Петербург аз механикаи амалӣ, термодинамика, назарияи чандирӣ, мошинҳои ҳамл, мошинҳои буғӣ ва ғ. дарс гуфт. Дастури навиштаи ӯ «Механикаи элементарӣ» (1860) солҳои зиёд дар Россия воситаи асосии таълим ҳисоб меёфт. Дар асари В. «Дар бораи регуляторҳои ростамал» (1877) усули ҳисоби ин намуд регуляторҳо ва таъриф шарти устувории системаҳои танзимкунӣ (критерияи Вышнеградский) дода шудааст. С-ҳои 1888—92 вазири молия буд.

ВЬЕНТЬЯН, Вьентян, шаҳр, пойтахти Лаос. Бандар дар соҳили чапи д. Меконг. Маркази маъмурии музофоти Вьентьян. Узели нақлиёт,

Вьентьян. Бозори шаҳр.

аэропорт дорад. Аҳол. 220 ҳаз. наф. (1974). Маркази асосии иқтисодиёти мамлакат. Тамоми экспорту импорти Лаос аз В. мегузарад. Корхонаҳои шолитозакунӣ, чармгарӣ, матоъҳои пахтагин, шоҳибофию парча, чӯбгарӣ, мебель, ҳаккокӣ мавҷуданд. Ун-т, ин-ти фалсафаи буддоӣ, омӯзишгоҳҳои педагогӣ, театрӣ, мактаби тиббӣ, китобхонаи миллӣ, станцияи радиошунавонӣ дорад. В.— қароргоҳи президент. Осори меъмории а-ҳои 13—19 (собиқ қасри Шоҳ, бутхонаю маъбадҳои буддоӣ) боқӣ мондаанд. Буньёди шаҳр. а. 13. С-ҳои 1899—1946 маркази маъмурии Лаоси Франция, аз 1946 пойтахти мамлакат.

ВЬЕТНАМ (Viet-Nam), Республикаи Социалистии Вьетнам (РСВ).

Маълумоти умумӣ. В.—давлат дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, дар нимҷаз. Ҳиндухитой. Дар Шим. бо Хитой, дар Ғ. бо Лаос ва Кампучия ҳамсарҳад буда, дар Ш. сарҳадаш аз Баҳри Ҷанубӣ Хитой ва хал. Бакбо мегузарад. Масоҳ. 332,6 ҳаз. км². Аҳол. тақрибан 50 млн наф. (1976). Пойтахташ — ш. Ханой. Ба 35 музофоти маъмурӣ тақсим шудааст.

Сохти давлатӣ. РСВ давлати социалистист. То қабул гардидани конституцияи нави РСВ Конституцияи РДВ, ки с. 1960 қабул шуда буд, амал мекунад.

Сардори давлат — президент, ки ӯро Маҷлиси миллӣ ба мӯҳлати 4 сол интихоб менамояд. Президент ба қувваҳои мусаллаҳ роҳбарӣ намуда, ба Совети мудофиаи миллӣ раисӣ мекунад, шартномаҳои байналхалқӣ ва ғ.-ро тасдиқ менамояд. Органи олии ҳокимияти давлатӣ ва органи ягонаи қонунбарор—Маҷлиси миллии якпалатагӣ. Ҳукумати РСВ (Совети ҳукумат)-ро Маҷлиси миллӣ бо тавсияи президент ташкил медиҳад. Органҳои ҳокимияти давлат дар тамоми ноҳияҳои маъмурию территориявӣ советҳои халқӣ мебошанд, ки аз тарафи аҳолӣ интихоб мегарданд. Органҳои иҷроияи советҳои халқӣ комитетҳои иҷроияи онҳоанд.

Инстанцияи олии судӣ—Суди олии халқӣ. Назорати рисояи нишондодҳои қонун ба ӯҳдаи Прокуратураи олии халқӣ гузошта шудааст.

Табиат. Қисми зиёди В.-ро к-ҳои Аннам (баландиашон 1500—2000 м) ишғол кардаанд, ки дар самти Шим. Ғ. то 3143 м баланд мешаванд. Теппаи кӯҳҳо аз ҷинсҳои кристаллӣ иборат буда, нишебиҳояшон ҷариҳои хеле зиёд доранд. Дар Шим. Ғ. мамлакат ғору чуқуриҳои карстӣ бисьёранд. Иқлимаш — муссонии субэкваторӣ. Ҳарор. дар Ҷ. дар давоми сол кам тағьир меёбад (26°—29° С). Дар Шим. Ш. зимистон нарм (14°—15° С), тобистон гарм. Миқдори боришоти солона дар қисми зиёди В. 1500—2000 мм., дар баъзе ҷойҳо то 3000 мм. Д-ҳои калонтарин—Хонгха (Сурхоб) ва Меконг берун аз ҳудуди В. ибтидо мегиранд, серобу киштигарданд, барои обьёрӣ ва боркашонӣ аҳамияти калон доранд. Хоки В.—кӯҳӣ, латеритӣ, аллювиалӣ, хоки дельтаи Меконг — ботлоқӣ ва баъзе ҷойҳояш шӯрхок. Қисми зиёди масоҳ. В. бешазор аст. Дар Шим. то баландии 700 м ва дар Ҷ. то 1200 м ҷангалҳои сернами тропикӣ воқеанд. Аз он баландтар ҷангалҳои субтропикии омехта (дарахтони сӯзанбарг) меруянд. Аз ҳайвонҳо — гиббон, макака, хирс, паланг, санҷоб, оху, гавазн, гуроз; аз паррандагон— товус, уқоб, кабк, лак-лак, мурғи саккӯ ва ғ. (ҳамагӣ қариб 400 намуд) вомехӯранд.

Аҳолӣ. Аҳолии В. асосан вьетнамиҳо (вьетҳо ё кинҳо) — 88%. Дар В. бештар аз 60 халқияту гурӯҳҳои этникӣ—мыонг, тай, тхай, тхо, нунг, мео, ман, кхмерҳо, лао, зарай, эдэ, бана ва ғ. зиндагӣ мекунанд. Забони давлатӣ — вьетнамӣ. Аксарияти диндорон буддоиҳоанд; насрониён (асосан католикҳо), мусулмонон, инчунин пайравони бараҳмания, конфуция, даосия, эътиқодмандони дигар дину оинҳо ҳам ҳастанд.

Афзоиши солонаи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 3%. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 105 наф. (дар резишгоҳҳои д.-ҳои Хонгхаю Меконг 1500 наф., дар соҳили баҳр — 850 наф., дар маҳалҳои кӯҳистон — 10—15 наф.). В. (аз февр. 1976) 3 шаҳри тобеи маркази дорад: Ханой (1,5 млн наф.), Хошимин (собиқ Сайгон, бештар аз 3 млн наф.), Хайфон (тақр. 0,5 млн наф.).

Очерки таъриҳӣ. Қадимтарин сохти давлатдории В. Ванланг буд, ки дар асоси иттифоқи қабилаҳои вьетнамиҳои қадимӣ буньёд ёфтааст; замони пайдоиши он аниқ муқаррар нашудааст, вале маълум аст, ки дар ҳазорсолаи 1 то м. вуҷуд дошт. Дар а. 3 то м. дар Шим. мамлакат давлатҳои вьетнамии Аулак ва Намвьет ба вуҷуд омаданд. Ин давлатҳо дар с. 111 то м. аз тарафи Хитой истило шуданд. Дар а. 10 дар натиҷаи муборизаи озодихоҳонаи халқ бар зидди ҳукмронии Хитой давлати соҳибихтиёри В. барпо гардид. Дар ин давра дар В. усули истеҳсолоти феодалӣ ҳукмфармо гардид. Дар а-ҳои 11—13 давлати вьетнамиҳо ба империяи пурзӯри марказонидашудаи

Дарьёи Да дар музофоти Хоабинь.

феодалии Дайвьет (ин номро аз с. 1069 гирифтааст) табдил ёфт. Дар а. 13 Дайвьет се ҳамлаи истилогарони мугулро зада гардонд. Дар ибтидои а. 15 Хитой Дайвьетро забт карданӣ шуд, вале истилогарон аз мамлакат ронда шуданд (1427). С. 1471 Дайвьет терр. давлати Тьямпаи ҳамсояро ба худ хамроҳ кард. Дар охири а. 18 терр. давлати В. асосан дар ҳудуди ҳозирааш ташкил ёфт. С-ҳои 1771—1802 дар В. шӯриши калони деҳқонон рӯй дод, ки он дар таъриҳ бо номи шӯриши тайшонҳо машҳур аст, аммо феодалон бо ёрии савдогарону миссионерҳои франсавӣ онро пахш карданд.

Дар с-ҳои 50—80-уми а. 19 В.-ро Франция забт кард. Аз миёнаи с-ҳои 80-уми а. 19 дар В. ҳаракати озодихоҳии миллӣ инкишоф ёфт, ки ба он қисми рӯҳияи ватанпарварӣ доштаи синфи феодалҳо роҳбарӣ мекард. Дар ибтидои а. 20, дар шароити режими мустамликавӣ ва дар иқтисодиёт инкишоф ёфтани муносибатҳои капиталистӣ ҳаракати озодихоҳии миллӣ ба марҳалаи нав қадам гузошт, ки ин марҳалаи тавлиди буржуазияи миллатпараст буд. С. 1912 бо роҳбарии революционер-демократи намоён Фан Бой Тяу Ҷамъияти таҷаддуди Вьетнам ташкил ёфт, ки вазифаи пеш кардани мустамликадорони франсавӣ ва муборизаро баҳри республикаи демократӣ ба миён гузошт.

Ғалабаи Рев. Каб. Соц. Октябрь дар Россия ба муборизаи халқи В. таъсири калон бахшид. Муҳоҷирони дар Франция будаи В. аввалин шуда идеяҳои Рев. Октябрьро қабул карданд. Янв. 1919 революционери барҷастаи В. Хо Ши Мин ба Конференцияи сулҳи Париж меморандум фиристода, талаб кард, ки ба халқҳои Ҳиндухитой истиқлолият дода шавад. Ҷамъияти ҷавонони революционии Вьетнам, ки с. 1925 таҳти роҳбарии Хо Ши Мин ташкил ёфта буд, идеяҳои марксизм-ленинизмро дар В. ҳарҷониба тарғиб мекард. Фев. 1930 Партияи Коммунистии Ҳиндухитой (ПКҲ то окт. 1930 Партияи Коммунистии Вьетнам ном дошт) барпо гардид, ки ба ҳаракати миллии озодихоҳии мамлакат роҳбарӣ менамуд.

С-ҳои 1940—41 Япония В.-ро забт кард. То марти 1945 дар В. баробари қӯшунҳои ишғолии Япония маъмурияти франсавӣ мавҷуд буд, ки бо истилогарони япон ҳамкорӣ мекард. Халқи В. бо роҳбарии ПКҲ муборизаро ба муқобили истилогарони япону мустамликадорони Франция вусъат дод Маи 1941 бо ташаббус ва роҳбарии ПКҲ ташкилоти фронти ягонаи миллии В.— Лигаи муборизаи баҳри истиқлолияти В. (Вьетминь) ташкил ёфт. Истилогарони япон 9 марти 1945 бо мақсади суст кардани ҳаракати озодихоҳӣ дар В. маъмурияти мустамликавии Франсияро бар-

☆ 42 ЭСТ, ч. 1

1945

ҳам дода, ба В. ба ном истиқлол доданду вале дар амал тамоми ҳокимият дар В. ба дасти империалистони япон гузашт. 9—12 марти 1945 Пленуми васеи КМ ПКҲ дар бораи тайёр кардани шӯриши умумӣ қарор қабул кард. Маи 1945 тамоми қуввахои мусаллаҳи озодкунанда дар Армияи халқии В. (АХВ) муттаҳид гардиданд. То авг. 1945 АХВ як қисми В.-ро озод кард.

Қӯшунҳои советӣ муборизаро ба муқобили Германияи фашистӣ зафармандона хотима дода, аввалҳои авг. 1945 зидди армияи квантунии японҳо дар Манчурия ба ҳуҷум гузаштанд. Японҳо шикаст хӯрданд. Дар ин вазъият 13—15 авг. конференцияи ПКҲ дар бораи сар кардани шӯриши умумӣ қарор қабул кард. 16—17 авг. дар қисми озодгардидаи В. Конгресси миллии умумивьетнами барпо гардид, ки қарори конференцияро маъқул ёфт; бо сардории Хо Ши Мин Комитети миллии озодии В. (Ҳукумати муваққатӣ) ташкил шуд. Революцияи миллии демократии халқӣ, ки 16 авг. сар шуда буд, ғалаба кард. 2 сент. 1945 Хо Ши Мин аз номи Ҳукумати муваққатӣ Декларацияи истиқлолияти В. ва таъсис ёфтани Республикаи Демократии Вьетнам (РДВ)-ро эълон кард.

Доираҳои ҳукмрони Франция ба барпо шудани давлати мустақил зид баромаданд. Сент. 1945 қӯшунҳои франсави Сайгонро ишғол намуда, дар ҷануби мамлакат амалиёти ҳарбӣ сар карданд. Франция дек. 1946 дар тамоми В. ҷанги мустамликави оғоз кард. Бо даъвати партия ва ҳукумати РДВ халқи В. ба ҷанги умумимиллии Муқобилат бархост. С-ҳои 1946—47 қӯшунҳои Франция қисми зиёди шаҳрҳо ва ноҳияҳои соҳилию ҳамвори мамлакатро ишғол карданд. Марти 1949 дар қисми аз тарафи Франция ишғолшудаи В. «Давлати Вьетнам»-и лӯхтакмонанде барпо карда шуд, ки сардораш Бао Дай буд. Аз с. 1950 ба ҷанги В. ШМА ошкоро дахолат мекардагӣ шуданд. Аз с-ҳои 1950—51 дар амалиёти ҳарбӣ ташаббус тадричан ба тарафи РДВ гузашт. Терр. ноҳияҳои озодгардида васеъ мешуд. Дар рафти ҷанги Муқобилат РДВ баробари ба муқобили қӯшунҳои франсавӣ муборизаи бурдан азнавсозиҳои демократиро низ бомуваффақият ба амал мебаровард. Феврали 1951 Съезди 2 ПКҲ барпо гардид, ки дар он партия номи нав Партияи Меҳнаткашони Вьетнам (ПМВ)-ро гирифт. Съезд программа ва устави пави партияро қабул кард, вазифаҳои асосии ҳарбӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро низ муайян намуд. Марти 1951 дар Конгресси умумивьетнамии намояндагони халқ Фронти муттаҳидаи миллии В.— Льен-Вьет (дар натиҷаи якҷояшавии Вьетминь ва Льен-Вьет, Иттифоқи миллии В., таъсисаш 1946) бар-

1946

по гардид. Маи 1954 аскарони Франция дар ҷанги назди Дьенбьенфу сахт шикаст хӯрданд. Шикасти мустамликахоҳон, муборизаи тамоми қуввахои сулҳдӯст бо роҳбарии СССР дар роҳи хотима додан ба ҷанги В. ҳукумати Франсияро маҷбур кард, ки роҳи гуфтушунидро пеш гирад. Созишномаҳои с. 1954-и Женева ба ҷанги мустамликахоҳии Франция дар В. хотима доданд. Онҳо истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва бутунии терр. В.-ро эътироф карданд. Барои аз ҳам ҷудо кардани аскарони РДВ ва Франция дар В. муваққатан ду зона муқаррар шуд, ки хати демаркационӣ аз параллели 17 (тарафи шим.—барои аскарони РДВ, тарафи ҷан.—барои аскарони Франция) онҳоро аз якдигар ҷудо мекард. Созишномаҳои Женева ба мақсади бо роҳи осоишта муттаҳид кардани мамлакат с. 1956 зери назорати байналхалқӣ гузаронидани интихоботи озоди умумиро пешбинӣ мекарданд. Вале доираҳои ҳукмрони ШМА ба гузаронидани интихобот монеъ шуданд. Онҳо с-ҳои 1955—56 дар Ҷ. В. бо сардории Нго Динь Зьем режими зиддихалқии Сайгонро барқарор карданд.

РДВ ба дастгирии тамоми халқ такья намуда, сохтмони осоиштаи хоҷагию маданиро ҳарҷониба вусъат дода, барои иҷрои созишномаҳои Женева ва муттаҳид кардани мамлакат муборизаи қатъиро давом медод. С. 1955 дар асоси Льен-Вьет Фронти ватании В. (ФВВ) барпо карда шуд. Ҳамон сол нахустин созишномаи байни СССР ва РДВ оид ба ҳамкории иқтисодию техникӣ имзо шуд. С-ҳои 1955—57 дар баробари барқарор кардани хоҷагии аз ҷанг харобгардида ислоҳоти аграрӣ анҷом ёфт. С-ҳои 1958—60 х. қ., саноати хусусии капиталистӣ, савдо ва истеҳсолоти ҳунарманди дар асоси социалистӣ аз нав сохта шуданд. Сент. 1960 Съезди 3-юми ПМВ барпо гардид. Съезд раҷамҳои асосии контролии плани 5-солаи нахустинро (1961—65) муайян кард, ки мақсади он ба амал бароварданӣ марҳалаи якуми индустрикунонии социалистӣ, анҷоми азнавсозии социалистии хоҷагии халқ ва оғози сохтмони базаи моддию техникии социализм дар РДВ буд.

Дар В Ҷ. вазъият диг. буд. ШМА бо мақсади ба базаи ҳарбии худ табдил додани В. Ҷ. милитарикунонии онро қувват медоданд. Ба муқобили собиқ иштирокчиёни ҷанги Муқобилат таъқиботи оммавӣ ва амалиёти сахти ҷазодиҳӣ сар шуд. Сарфи назар аз террори бераҳмона дар В. Ҷ. ҳаракати озодихоҳии миллӣ зуд авҷ мегирифт. Тобистони с. 1959 отрядҳои халқии худмуҳофиз ба вуҷуд омадан гирифтанд, ки зидди ҷазодиҳандагон меҷангиданд. Қуввахои ватанпарвар то охири с. 1960 қисми зиёди ноҳияҳои деҳоти В. Ҷ.-ро зери назорат гирифтанд. Дек. 1960 қувва-

1947

ҳои ватанпарвар Фронти миллии озодихоҳии В. Ҷ. (ФМОВҶ)-ро ташкил доданд. Фев. 1961 Армияи озодихоҳии В. Ҷ. ташкил ёфт.

С-ҳои 1961—64 ШМА ба ҳукумати Сайгон ёрии ҳарбиро зиёд намуда, онро ба ҳуҷуми яроқноки зидди РДВ барангехт («моҷарои Тонкин», авг. 1964). Аммо муқобилати мусаллаҳонаи қувваҳои ватанпарвар бар зидди ҳукумати Сайгон рӯз аз рӯз меафзуд. Режими Сайгон ба ботлоқи бӯҳрон ғӯтид. Сарнагун кардани Нго Динь Зьем (нояб. 1963) ҳам ин режимро аз бӯҳрон раҳо накард. Сипас, силсилаи табаддулоти ҳарбӣ ба вуҷуд омад. С. 1965 бо ёрии ШМА хунтаи ҳарбӣ бо сардории генерал Нгуен Ван Тхиеу ба сари ҳокимият омад. Аз марти 1965 ШМА бо мақсади аз шикасти куллӣ наҷот додани режими Сайгон ва дар Ҳиндухитой нигоҳ доштани мавқеи худ таҷовузи мусаллаҳона сар карданд. Меҳнаткашони РДВ барои мустаҳкам намудани иқтидори ҳарбию иқтисодии мамлакат, баланд бардоштани қобилияти ҷангии армия ва аҳолӣ чораҳои зарурӣ андешиданд. Халқи В. ба ёрию дастгирии СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ ва тамоми қувваҳои тараққипарвари олам такья намуда, барои муҳофизати истиқлолияти мамлакати худ, барои ба амал баровардани яке аз вазифаҳои миллӣ — муттаҳид кардани ватан ба мубориза бархост.

Аз с. 1967 Қувваҳои мусаллаҳи халқии озодкунандаи В. Ҷ. (ҚМХОВҶ) муборизаро ба муқобили қӯшунҳои америкоию Сайгон пурзӯр карда, баҳори 1968 ба ҳуҷуми қатъӣ гузаштанд. Дар терр. зери назорати режими Сайгон с. 1968 ташкилоти оммавии ватанпарварон — Иттифоқи қувваҳои миллӣ, демократӣ ва сулҳпарвари В. Ҷ. (ИҚМДС) ба вуҷуд омад. 6 июни 1969 дар Конгресси намояндагони халқ Ҳукумати муваққатии революционии Республикаи Вьетнами Ҷанубӣ (ҲМР РВҶ) ташкил ёфт, инчунин Совети консультативӣ барпо гардид.

Доираҳои ҳукмрони ШМА паси ҳам шикаст хӯрда, мағлуб шуданд, ки ҳилаю найранг ба кор баранд. Онҳо аввал маҳдуд намудан (марти 1968) ва баъдтар (нояб. 1968) хотима додани бомбаборони терр. РДВ-ро эълон карданд. Аммо ШМА ӯҳдадории худро муттасил вайрон мекарданд. Ба ниятҳои чустучӯи роҳҳои ҳалли масъалаи Вьетнам дар Париж маи 1968 гуфтушуниди дутарафа (РДВ ва ШМА) ва янв. 1969 гуфтушуниди чоргона (РДВ, ФМОВҶ, ШМА ва маъмурияти Сайгон) сар шуд. Аммо ШМА масъаларо бо ҷанг ҳал кардан мехостанд. Аз апр. 1972 ШМА дар В. Ҷ. қувваҳои ҳарбии ҳавоиро хеле васеъ ба кор бурда, ҷанги ҳавоии зидди РДВ-ро аз нав сар карданд, вале онҳо ҳуҷуми муваффақиятноки ҚМХОВҶ-ро бозгошта натавонистанд.

Муваффақияти қувваҳои ватанпарвари В. Ҷ. ва бо шикаст анҷом ёфтани марҳалаи нави таҷовузи ҳавоии зидди РДВ, аз тарафи СССР ва диг. мамлакатҳои социалистӣ дастгирӣ кардани муборизаи одилонаи халқи В., талабҳои оммаи тараққипарвари ҷаҳон ШМА-ро мағлуб карданд, ки янв. 1973 дар Париж оид ба хотима додани ҷанг ва дар В. барқарор кардани сулҳу амонӣ созишнома имзо кунанд. Дар созишнома аз В. Ҷ. баровардани қӯшунҳои ШМА пешбинӣ кард ва дар он ҷо мавҷуд будани ду минтақаи реалии назорат, ду маъмурият (ҲМР РВҶ ва маъмурияти Сайгон) ва ду армияро ба назар гирифта, роҳҳои ҳалли масъалаҳои сиёсии В. Ҷ.-ро муайян намуд.

РДВ с-ҳои 1973—75 диққати асосиро ба бартараф намудани оқибатҳои вазнини ҷанг ва пеш аз ҳама барқарор кардани хоҷагии халқ равона кард. Ёрии иқтисодии мамлакатҳои социалистӣ, хусусан СССР ба РДВ аҳамияти ниҳоят калон дошт. Маъмурияти Сайгон сарфи назар аз ӯҳдадориҳояш созишномаи Парижро муттасил вайрон карда, бо ёрии ШМА армияи худро аз нав мусаллаҳ менамуд, иқтидори ҳарбиашро зиёд мекард, ба забти тамоми ноҳияҳои аз тарафи қувваҳои ватанпарвар озодгардида кӯшиш мекард. Дар чунин вазъият КМХОВҶ мағлуб шуд амалиёти ҳарбиро пеш гирад, ки онро аҳолии шӯришбардошта дастгирӣ намуд. Ҳуҷуми баҳори с. 1975 бо ғалабаи пурраи ватанпарварон анҷомид. 30 апр. режими Сайгон сарнагун шуд. Назорати тамоми терр. В. Ҷ. ба дасти ҲМР РВҶ гузашт.

Баъди озод гардидани В. Ҷ. КМ ПМВ барои тамоми В. роҳи ягонаи революциониро муайян карда, дар назди Шим. ва Ҷ. В. дар марҳалаи нави революцияи В. вазифаи конкретии муттаҳидшавии мамлакат ва зуд ба сӯи социализм пеш рафтани онро гузошт. 25 апр. 1976 интихоботи умумии Маҷлиси миллии В.-и ягона барпо шуд. 2 июли 1976 сессияи 1-уми Маҷлиси миллӣ дар бораи муттаҳидшавии мамлакат қарор қабул карда, ташкил ёфтани Республикаи Социалистии Вьетнам (РСВ) ва Ханойро пойтахти он эълон намуд. Съезди 4-уми ПМВ (дек. 1976) роҳи сохтмони ҷамъияти социалистиро дар Вьетнами ягона, дар зарфи 15—20 соли наздик дар мамлакат барпо кардани базаи моддӣ-техникии социалистиро маъқул донист. Съезд вазифа ва мақсадҳои асосии плани 5-солаи 1976—80-ро, ки он дар роҳи барпо намудани иқтисодиёти мутараққии социалистӣ марҳалаи муҳим мебошад, тасдиқ намуд. Съезд дар бораи Партияи Коммунистии Вьетнам (ПКВ) номида шудани партия қарор ва устави нави онро қабул кард.

Партияҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Партияи Коммунистии Вьетнам (ПКВ), с. таъсисаш 1930, то 1951—Партияи Коммунистии Ҳиндухитой, 1951 — дек. 1976 — Партияи меҳнаткашони Вьетнам. Партияи демократии Вьетнам, с. таъсисаш 1944. Партияи социалистии Вьетнам, с. таъсисаш 1946. Ҳар дуи ин партия аз ҷиҳати аъзо камшумор буда, манфиати як қисми зиёиёни кӯҳнаро ифода мекунанд. Иттифоқи Коммунистии ҷавонони Хо Ши Мин, с. таъсисаш 1931, то 1976 — Иттифоқи ҷавонони меҳнаткаши Хо Ши Мин. Федерацияи ҷавонони Вьетнам, с. таъсисаш 1946. Ҳамаи ташкилотҳои ҷавонони РСВ-ро муттаҳид мекунад. Ба Федерацияи Умумиҷаҳонии ҷавонони демократ дохил аст. Иттифоқи занони Вьетнам, с. таъсисаш 1930. Ба Федерацияи Байналхалқии Занони демократ дохил аст. Комитети Вьетнамии муҳофизати сулҳ, с. таъсисаш 1950. Комитети Вьетнамии ҳамраъии мамлакатҳои Осиё ва Африка, с. таъсисаш 1955. Ҷамъияти дӯстии Вьетнаму СССР, с. таъсисаш 1950. Федерацияи иттифоқҳои касабаи Вьетнам (ФИКВ), с. таъсисаш 1946. Ба Федерацияи умумиҷаҳонии иттифоқҳои касаба дохил аст. Фронти ватании Вьетнам (ФВВ), с. таъсисаш 1955. Ташкилоти оммавии ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ки ҳамаи партияҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динии РСВ-ро муттаҳид менамояд, дар зери роҳбарии ПКВ амал мекунад.

Очерки иқтисодию географӣ. Иқтисодиёти В. аз давраи эълон гардидани истиқлолият ва ташкил ёфтани Республикаи Демократӣ (1945) роҳи мураккаби тараққиётро тай кард. Марҳалаҳои ин роҳ дар шим. ва ҷанубӣ мамлакат як хел набуд. Халқи қисми шим. В. баъди озод шудан аз мустамликаи Франция ба сохтмони социализм сар кард, дар қисми ҷанубӣ, ки ба таҷовузи америкоӣ дучор гардид, режими мустамликадории навбаромад барқарор шуд. Ғалабаи халқи В. (1975) бар таҷовузкорони америкоӣ истиқлолият ва ягонагии терр. мамлакатро таъмин намуда, давраи нави тараққиёти социалистии иқтисодиётро оғоз кард.

Дар инкишофи иқтисодиёти В.-и ягона душвориҳо кам нестанд. Оқибати вазнини ҷанги пай дар пай сисолаи (1945—75) зидди империализм, дар давоми чандин солҳо ду тақсим будани мамлакат ва бисьёр масъалаҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ аз сабабҳои асосии ин душвориҳоанд. Дар шим. В. ҳукумати Республикаи Демократии Вьетнам на танҳо ба барқарор кардани хоҷагӣ муваффақ шуд, балки дар сохтмони социалистӣ комьёбиҳои муайян низ ба даст овард, дар айни за-

мон ба халқи қисми ҷан. В. ёрӣ расонд, ки ҳуҷуми таҷовузкорони америкоиро зада гардонда, иқтисодиёти худро бо роҳи азнавсозии социалистӣ равнақ диҳад. Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноат дар охири с. 1975 нисбат ба с-ҳои 1961—65 ба ҳисоби миёна 200% ва маҳсулоти х. қ. нисбат ба солҳои пеш аз ҷанг 18% афзуд. З-ди цементи Хайфон, з-ди металлургӣ ва ғ. барқарор ва васеъ карда шуданд, корхонаҳои нав, аз ҷумла комб-ҳои пӯлодрезию прокати пӯлоди Зиатанг, з-ди нуриҳои азотии Хабак, з-ди механикии Камфа ва ғ., станцияҳои электрикии Такба ва Даним ба кор даромаданд. Бо вуҷуди он ҳанӯз қисми шим. ва қисми ҷан. РСВ аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ хеле тафовут доранд. Дар хоҷагии халқи Ш. мамлакат асосан сектори давлатӣ ва кооперативӣ ҳукмрон буда, дар Ҷ. тарзҳои гуногуни хоҷагидорӣ, аз ҷумла сектори хусусӣ (бештар дар х. қ. ва савдо) боқӣ мондааст. Дар районҳои ҷан. ба мукобили буржуазияи компрадор, барои мустаҳкам кардани сектори давлатии иқтисодиёт, барҳам додани бекорӣ, афзун гардондани маҳсулоти саноат ва х. қ. ва амалӣ гардондани ислоҳоти аграрӣ чораҳои қатъӣ дида мешаванд. Қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати РСВ дар х. қ. (тақр. 80%), қисми боқимондаи он дар саноат, корхонаҳои ҳунармандӣ, нақлиёт ва савдо кор мекунад.

РСВ бо ёрию ҳамкории Иттифоқи Советӣ ва дигар мамлакатҳои иттиҳоди социалистӣ душвориҳои сохтмони иқтисодиёти социалистиро бартараф, дар мамлакат саноати муқтадир барпо менамояд, х. қ.-и замонавӣ ба вуҷуд оварда, савдои берунаро ривоҷ медиҳад.

Саноат. Дар терр. В. ангишт, қалъагӣ, вольфрам, маъдани оҳан, хромит (кони Кодинь), апатит, намаки ош (аз оби баҳр) истеҳсол мекунанд. Саноати ангишт соҳаи умдатарин ва асосии энергобаланси мамлакат мебошад. Ангишт асосан аз ҳавзаи Куангайн (Хонгай-Камфа) истеҳсол карда мешавад. Дигар соҳаҳои саноат бомуваффақият тараққӣ мекунад. С. 1976 53 корхонаи саноати электроэнергия ва ангишт, 10 корхонаи саноати химиявӣ ва 87 корхонаи саноати мошинсозӣ ва масолеҳи бинокорӣ ба кор андохта шуд. Истеҳсоли электроэнергия (1976) ба 3 млрд квтсоат, ангишт 5,5 млн т, нуриҳои маъданӣ ба 440 ҳаз. т, цемент ба 720 ҳазор т расид.

Саноати металлургӣ дар давраи пайдоиш ва инкишоф мебошад. Комб. р-ни Тхайнгуен—маркази асосии металлургияи мамлакат аст; дар Лыуса сохтмони печи пӯлодгудозӣ ба анҷом расид, ки иқтидори он 50 ҳаз. т пӯлод дар як сол аст (1976); дар Тиньтук з-ди қалъагигудозӣ ҳаст. Як қатор корхонаҳо бо коркарди ме-

Дар з-ди механикии Ханой.

талл ва мошинсозӣ машғуланд. З-дҳои механикию велосипед, корхонаи мошинҳои х. қ., верфҳои киштисозӣ ва корхонаҳои электротехникию электронӣ (радиоприёмник, телевизор, лампаҳои электрикӣ, моторҳои электрикӣ, батареяи электрикӣ ва аккумулятор) мавҷуданд. Саноати химия (нахҳои полиэфирӣ, маснуоти фармацевтӣ, нуриҳои фосфатӣ, маснуоти пластмассӣ, абрешими сунъӣ ва ғ.), саноати масолеҳи бинокорӣ ва шишаю сафол (истеҳсоли цемент, шиша, хишт, зарфҳои чинӣ ва ғ.) бештар инкишоф меёбанд. Корхонаҳои тахтабурӣ, чӯбгарӣ, целлюлозаю коғаз, каучук мавҷуданд. Корхонаҳои соҳаи саноати сабуку хӯрокворӣ хеле зиёданд. Комбинату ф-каҳои бофандагӣ газворҳои пахтагину абрешимӣ ва трикотаж мебароранд. Намдинь маркази калони бофандагист; з-ди чарм ҳаст.

Ба соҳаҳои саноати хӯрокворӣ корхонаҳои шоликӯбӣ, истеҳсоли қанду ширавор, саллоҳхона, моҳию консервҳои моҳигӣ, саноати орд дохил мешаванд. Дар қатори корхонаҳои калон дар саноат истеҳсолоти косибӣ мавқеи муҳим дорад, ки он як қисми маҳсулоти худ — шоҳӣ, зарфҳои сафолӣ, ҳаргуна асбобу анҷоми аз пуқраю устухони фил сохташуда, маснуоти садафин, бӯрьё, қолин, тӯр, мебели навдабофт, кашида ва ғ.-ро экспорт мекунад. Марказҳои калони саноатӣ — ш-ҳои Ханой, Хошимин, Хайфон, Винь, Намдин, Хайзыонг, Вьетчи, Тханьхоа, Вандиен, Лыуса ва ғ.

Хоҷагии қишлоқ. Х. қ.-и РСВ аз се сектор — давлатӣ, кооперативӣ ва хусусӣ иборат аст. Дар натиҷаи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ (ислоҳоти аграрӣ ва кооперативонӣ) дар шим. В. сектори коллективӣ мавқеи асосиро ишгол кард: кооперативҳо (тақр. 20 ҳаз.) қариб 90%-и заминро киштукор карда, қисми асосии маҳсулоти х. қ.-ро медиҳанд. Сектори давлатӣ қариб 5%-и заминро кишт карда, асосан ба парвариши зироати техникӣ ва чорводорӣ тахассус пайдо кардааст. Сектори хусусӣ хоҷагиҳои хусусии деҳқонони кооперативро, ки қариб 5%-и заминҳои кишт ба истифодаашон дода шудааст ва хоҷагиҳои камшумори деҳқонони яккадастро дарбар мегирад.

Дар ҷануби мамлакат сектори хусусӣ бартарӣ дошта, он асосан аз хоҷагиҳои майдамолии деҳқонони яккадаст иборат аст, ки тадричан дар кооперативҳо муттаҳид мешаванд. Дар заминаи хоҷагиҳои кӯҳна, ки пештар асосан ба капитали хоричӣ тааллуқ доштанд, хоҷагиҳои давлатӣ ба вуҷуд меоянд, ки зироати техникӣ (каучук, чой, қаҳва ва ғ.) истеҳсол мекунанд. С. 1976 дар РСВ қариб 160 хоҷагии давлатӣ вуҷуд дошт. Вазифаи асосии х. қ. РСВ гузариш аз истеҳсолоти майдаю пароканда ба истеҳсолоти калони социалистӣ мебошад, то ки он мувофиқи плани умумии тараққиёти иқтисодии мамлакат барои бозори миллӣ ва экспорт хизмат карда тавонад.

Х. қ. соҳаи муҳиммест, ки қисми зиёди аҳолии мамлакат дар он кор мекунад. Зироат бар чорводорӣ афзалият дорад. Як қисми аҳолии х. қ. бо моҳидорӣ, шикори ҷонварҳои баҳрӣ, хоҷагии ҷангал машғул аст. Марғзору чарогоҳ майдони васеъро ишгол мекунад. Ноҳияҳои асосии шоликорӣ — резишгоҳи д-ҳои Хонгха ва Меконг. Аз зироатҳои хӯрокӣ батат, ҷуворимакка, маниок низ кишт мешаванд. Зироати асосии техникӣ — ҷут, лӯбиёи чинӣ, найшакар,

Кишти тирамоҳии шолӣ дар кооперативи х. қ. Куангбинь.

чой, тамоку, фундуқ, пахта ва ғ. Обчакорӣ, гулпарварӣ, боғдорӣ ривоҷ дорад. Говмеш, хашгов ва барзаговҳо асосан барои боркашӣ истифода мешаванд. Хукпарварӣ тараққӣ кардааст.

Хоҷагии ҷангал. Қариб $^1/_3$ терр. В-ро ҷангал ишғол кардааст. Дар ҷангал, асосан дар ноҳияҳои кӯҳӣ, чӯби дарахтони пурқимат тайёр карда мешавад; ҳел, дорчин, канифол, барои тайёр кардани моддаҳои даббоғию олкорӣ ашьёи хом ҷамъоварӣ мекунанд.

Нақлиёт. Дар с-ҳои ҷанги озодихоҳона нақлиёти мамлакат аз дасти таҷовузкорон зарари калон дид. Барои барқарор намудани пулҳо, убурғоҳ, роҳҳои мошингард, нақлиёти дарьёӣ ва баҳрӣ дар саросари мамлакат кор авҷ гирифтааст. Барқарор ва азнавсозии р. о. «Ягонагӣ» (Ханой — Хошимин), ки тӯли он 1730 км аст, ба анҷом расид (1976). Ин роҳ яке аз калонтарин иншоотҳои РСВ мебошад. Бандарҳои асосии баҳрӣ—Хайфон, Хонгай, Камфа, Хошимин, Дананг. Аэропортҳои Ханой ва Зялам, Таншоннют (Хошимин) аҳамияти байналхалқӣ доранд.

Равобити иқтисодии берунаи РСВ ҳамкории иқтисодӣ, илмӣ ва техникии кишварро бо мамлакатҳои социалистӣ, инчунин тамоми савдои беруниро бо мамлакатҳои ҷаҳон дарбар мегирад. РСВ бо зиёда аз 50 мамлакат муносибати тиҷоратӣ дорад. Дар соҳаи савдо ҳиссаи мамлакатҳои социалистӣ, беш аз ҳама СССР, калон мебошад. Давлат ба воситаи вазорати савдои беруна ба савдои беруна назорат ва роҳбарӣ мекунад. Корҳои доир ба экспорту импорти савдои беруна, инчунин амалиёти оид ба кашондани молҳои экспорту импортиро ширкати генералии миллии экспорту импорт идора мекунад.

Воҳиди пул — донги РСВ. 100 донг = 30 сӯму 60 тин (янв. 1978).

Нигаҳдории тандурустӣ. Ҳукумати РСВ аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ Комитети давлатии нигаҳдории тандурустӣ таъсис кард, ки он с. 1954 ба Вазорати нигаҳдории тандурустӣ табдил дода шуд. Дар солҳои ҷанги Муқобилат, сарфи назар аз мураккабии вазъият, доир ба инкишофи нигаҳдории тандурустӣ кор бурда мешуд. Фак-ти тиббии Ун-ти Ханой садҳо нафар духтур тайёр кард. Мактабҳои тиббӣ барпо шуданд. Бар зидди нагзаку вабо ба ҳама вакцина гузаронда шуд. Дар солҳои баъди ҷанг шумораи пунктҳои тиббӣ ва беморхонаҳо афзуд. Плани панҷсолаи (1956—61) маҳви варача ичро гардид. Барои рафъи касалии рамад 3274 диспансери махсус ташкил карда шуд.

Маорифи халқ. Дар В.-и мустамликавӣ 95%-и аҳолӣ бесавод буд. Аксарияти миллатҳои камшумор, хусусан аҳолии ноҳияҳои кӯҳӣ, хату алифбо надошт. Дар Шим. ва Ҷ.-и мамлакат таъриҳан ду системаи мухталифи маориф шакл гирифта буд. Баъд аз эълон шудани Республикаи Демократии Вьетнам (РДВ) с. 1945 доир ба инкишофи маорифи халқ декретҳо бароварда шуданд. С. 1956 дар натиҷаи ислоҳот мактаби 10-солаи ягонаи дорои 3 дараҷа (дараҷаи 1-ум—4-сола, 2-юм ва 3-юм—3-сола) ба вуҷуд омад. С-ҳои 60-ум дар РДВ бесаводӣ барҳам дода шуд. Аз с. 1976 дар мамлакат таҳсили 8-солаи ҳатмӣ ҷорӣ гардид. Таҳсил дар мактабҳои маълумоти умумӣ, мисли пешина 10-сола аст (8+2). Маълумоти миёнаи махсусро дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ дар асоси мактабҳои 8-сола, дар баъзе техникумҳо дар асоси мактабҳои 10-сола дар зарфи 2—3 сол мегиранд. Соли хониши 1974/75 дар 192 омӯзишгоҳи касбҳои техникӣ бештар аз 84 ҳаз. талаба таҳсил мекард. Барои инкишофи маълумоти олӣ корҳои зиёде анҷом дода шуд. Дар асоси ун-ти Ханой (1918 таъсис ёфтааст) баъди с. 1954 ин-тҳои тиббию фармацевтӣ, адабиёт, педагогӣ, х. қ. ва хоҷагии ҷангал таъсис ёфтанд. С. 1955 Ун-ти Ханой аз нав ташкил гардид, ки фак-тҳои физикаю математика, химия, биология, фанҳои ҷамъиятӣ дорад. С. 1956 дар Ханой ин-ти политехникӣ, 1959 — ин-ти молиявию иқтисодиёт ва ин-ти энергетика ва ирригация кушода шуд. С. 1965 маросими кушодашавии расмии ин-ти политехникии нави Ханой барпо гардид, ки бо ёрии СССР сохта ва таҷҳизонида шудааст. Соли хониши 1974/75 дар 37 мактаби олӣ 60 ҳаз. студент таҳсил мекард. Дар Ҷ.-и мамлакат то с. 1975-ум 4 млн аҳолӣ бесавод буд. Системаи маълумот чунин буд: мактаби ибтидоӣ — 5-сола, барои бачагони аз 6 то 10-сола расмаи ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Мактаби миёна—7-сола (4+3). Дар Ҷ.-и мамлакат мактабҳои 12-солаи таълими умумӣ ҳоло ҳам мавҷуданд, вале моҳияти омӯзиш ва равияи ғоявии он диг. шудааст; баъди муттаҳид гардидани мамлакат программаи ягонаи мактаб тартиб дода шуда, китобҳои дарсии нави барои Ҷ. ва Шим. якхела нашр ёфтаанд ва дар Ҷ.-и мамлакат ба тарзи нав тайёр кардани муаллимон ба роҳ монда шудааст. Сент. 1976 дар Ҷ. барои қариб 500 ҳаз. талаба ҷой намерасид. Дар зарфи чанд моҳи аввали баъди озод гардидани Ҷ. дар 10 ҳаз. мактаб машғулият сар шуд. Соли хониши 1975/76 дар мактабҳои маълумоти умумии ибтидоию миёнаи РСВ бештар аз 10,6 млн талаба таҳсил мекард.

С. 1975 дар Ҷ. мамлакат, дар ш-ҳои Сайгон, Далаг, Гуэ ва Лонгсюйен якчанд ун-т, коллечу ин-т мавҷуд буд. Ун-ти Сайгон (ҳоло ш. Хошимин) калонтарин мактаби олии Ҷ. мамлакат с. 1917 таъсис ёфтааст. Соли хониши 1975/76 бештар аз 63 ҳаз. студент дошт. С. 1976 дар Хошимин ин-ти педагогии нав кушода шуд. Тамоми мактабҳои олии Ҷ.-и мамлакат аз с. 1976 аз нав ташкил карда шуданд.

Калонтарин китобхонаҳо: Китобхонаи давлатии Ханой, Китобхонаи марказии илмии Ханой, Китобхонаи Ун-ти Ханой, Китобхонаи миллии Хошимин.

Калонтарин музейҳо: Музеи таъриҳ, армия ва Рев. Вьетнам (1958 таъсис ёфтааст), Музеи бадеии Ханой, Музеи миллии Хошимин (1929 ташкил шудааст).

Матбуот, радио, телевизион. Дар РСВ бештар аз 100 газетаю журнал нашр мешавад. Газетаҳои асосӣ: «Нян Зан» («Халқ»), органи КМ ПКВ, «Куан Дой Нян Зан» («Армияи халқӣ»), органи қувваҳои мусаллаҳи РСВ, дар Ханой ҳар рӯз чоп мешаванд: «Лао Донг» («Меҳнат»), органи ФИКВ, дар Ханой чоп мешавад; «Тьен фонг» («Авангард»), органи Иттифоқи ҷавонони меҳнаткаши Хо Ши Мин, дар Ханой нашр мегарданд; «Сайгон Зай фонг» («Сайгони озодшуда»), органи комитети шаҳрии ПКВ ш. Хошимин. Журналҳои асосӣ: «Хок Тап» («Таҳсил»), органи КМ ПКВ, «Сэй Зынг Данг» («Сохтмони партиявӣ»), органи КМ ПКВ, дар Ханой нашр мешаванд; «Ван Нге» («Адабиёт ва санъат»), Иттифоқи нависандагони В. нашр мекунад, дар Ханой чоп мешавад. Агентии ахбори Вьетнам (ААВ) кор мекунад, ки с. 1945 таъсис ёфта, июни 1976 баъди муттаҳид гардидан бо агентии матбуоти «Озодӣ», ки аз 1961 дар В. Ҷ. амал мекард, аз нав ташкил дода шуд. Дар Ханой ва Хошимин студияҳои телевизион мавҷуданд.

Адабиёт. Қадимтарин анъанаи халқӣ аз силсилаи асотири рочеъ ба Шоҳи Аждаҳо Лак, нахустаҷдоду нахустомӯзгори вьетнамиҳои қадим, достони Фу Донги баҳодур, ривоят дар бораи хоҳарони ҷанговар Чинг ва ғ. иборатанд. Дар нахустин осори хаттии вьетнамӣ (а-ҳои 10—14), ки ба ханван — забони хитоии архаистии вьетнамикунондашуда—навишта шудааст, фармонҳо, хитобаҳои манзум ва андарзи роҳибони буддоӣ — нишонаҳои санъати нотиқӣ ва қолабҳои маъмулии адабиёти хитоӣ ба ҳам омадаанд: «Фармон дар бораи интиқоли пойтахт»-и шоҳ Ли Тхай То, хитобаи манзуми лашкаркаш Ли Тхыонг Кьет (1019—1105). Адабиёти асрҳои миёна дар зери таъсири ҷаҳонбинии буддоия (сонитар конфуцийя) ташаккул ёфтааст. Охири а. 14 дар эҷодиёти як зумра шоироне, ки намояндаи табақаи хизматгорон буданд, мавзӯи эътирози ичтимоӣ ба миён омадааст. Дар а. 15 шеър ба забони гуфтугӯии вьетнамӣ, ки пештар ба вуҷуд омада буд, зуд инкишоф меёбад. «Маҷмӯаи осори забони мода-

рӣ»-и Нгуен Чай (1380—1442) қадимтарин намунаи ин осор аст, ки ба мо расидааст. Дар а-ҳои 16—17 осори насри мавзун бештар инкишоф ёфт. Ашъори ҳикматоину киноямези Нгуен Бинь Кхием (1491—1585) нобаробарии иҷтимоиро инъикос мекунад. «Маҷмӯаи ҳикоёти нодир»-и Нгуен За (а. 16) аз инкишофи жанри новелла шаҳодат медод. Ба адабиёти а-ҳои 18 — ибтидои 19 тамоюл ба анъанаҳои давраи Таҷаддуд (Ренессанс), бештар диққат додан ба шахсиятҳои алоҳида хос аст. Жанри достони лирикӣ ташаккул ёфт: «Зани ҷанговаре, ки ба сафари дур рафтааст»-и шоира Доан Тхи Дьем (1705—1748), «Шикваи канизаки шоҳ»-и Нгуен За Тхиеу (1741—98). Давраи ба авҷи тараққиёт баромадани жанри достони ривоятие, ки зиндагии шахсиро инъикос мекунад, фаро расид. Асари барҷастаи адабиёти классикии В. достони «Нолаи рӯҳи аламзада»-и Нгуен Зу (1765—1820) омезиши анъанаи ҳамин жанрҳост. Дар ашъори шоира Хо Суан Хыонг, ки моҳияти эҳсосии ҳаёти инсонро собит кардааст, таъсири маданияти шаҳрӣ ҳис мешавад. Дар насри ҳанвӣ жанрҳои роман-таъриҳ, ёддошт, сафарнома ба вуҷуд меояд. Баъди ба В. омадани мустамликадорони франсавӣ адабиёти нимаи 2-юми а. 19 дар қолабҳои анъанавӣ инкишоф ёфта, оҳангҳои ватанпарастӣ дар он афзалият пайдо кардааст (ашъори Нгуен Динь Тьеу, 1822—88). Баробари шакл гирифтани ҷамъияти мустамликавӣ тамоюли ҳаҷвии назм ҳам қувват мегирад — эҷодиёти Нгуен Кхюен (1835—1909), Ту Сыонг (1870—1907). Назму публицистикаи ибтидои а. 20 ғояҳои маорифпарварӣ ва пафоси гражданиро ифода мекард.

Дар с-ҳои 10—20-уми а. 20 жанрҳои насрии замони ҳозира: новелла, драмаи замонавӣ, роман ташаккул ёфтанд. Дар с-ҳои 30-юм ҷараёни «Назми нав» ба арсаи ҳаёт қадам гузошта, ба навсозии сохти шеър ва озод гардидани шахсият аз боқимондаҳои шуури феодалӣ мусоидат кард. Адабиёти революционӣ тавлид гардид: эҷодиёти шоир То Хыу (тав. 1920), «Ёддоштҳои ҳабсхонаи»-и Хо Ши Мин (1890—1969). Тамоюлоти реалистие, ки дар с-ҳои 20—30-юми а. 20 ташаккул ёфта буд, дар тамоми жанрҳо маъмул гардид: ҳикояҳои Нгуен Конг Хоан (тав. 1903) ва романи ӯ «Қадами охирин» (1938), романи Нгуен Хонг (тав. 1918) «Занаки дузд» (1938). Баъди Рев. Августии 1945 адабиёти В. бо роҳи реализми социалистӣ тараққӣ карда, ташаккули одами ҷамъияти навро тасвир кард. Жанрҳои бадеии ҳуҷҷатӣ инкишоф ёфтанд. Дар давраи ҷанги Муқобилат, дар ибтидои с-ҳои 50-ум аввалин повесту романҳои баъдиреволюционӣ ба вуҷуд омаданд: асари Нгуен Динь Тха (тав. 1924) «Ҳуҷум» (1951), асари Во Хюи Там (тав. 1920) «Ҳавзаи ангишт» (1951). Нависандагони В. барои аз худ кардани методи реализми социалистӣ фаъолона камар бастанд, ки ин натиҷаи бо адабиёти советӣ ҳарҷониба шинос гардидани онҳо буд. С. 1957 Иттифоқи Нависандагони В. таъсис ёфт. Қаҳрамони нав дар романҳои Дао Ву (тав. 1929) «Ҳавличаи сангфарш» (1959), Во Хюи Там «Шахтёрҳо» (1961), Нгуен Динь Тхи «Соҳилҳо вайрон мешаванд» (ҷ. 1—2, 1962—70), Нгуен Хонг «Дарвозаи баҳр» (ҷ. 1—3, 1961—73), Тю Ван (тав. 1923) «Тӯфон аз баҳр» (1969), То Хоай (тав. 1920) «Кишвари ғарбӣ» баръало тасвир гардидааст. Адабиёти миллатҳои хурди В.— эҷодиёти Нонг Куок Тян, Бан Тай Доан — ба аввалин комьёбиҳо ноил гардид. Адабиёти В. образҳои қаҳрамонони мӯҳофизи ватанро ба вуҷуд овард, романи Нгуен Кхай (тав. 1930) «Ҷанговар» (1966—73), повестьҳои Нгуен Динь Тхи «Дар оташ» (1966) ва «Хати фронт дар осмон нақш шудааст» (1967), романи Нгуен Минь Теу (тав. 1933) «Изи солдат» (1972). Жанри ҳикоя, ки ташаккули одами навро ҳассосона тасвир мекунад, бо суръат инкишоф ёфта истодааст. Дар шеър образи лирикии бинокорони ҷамъияти социалистӣ мавқеи асосӣ дорад.

Меъморӣ ва санъати тасвирӣ. Қадимтарин осори маданияти бадеӣ дар терр. В. ба асрҳои аввали то м. мансуб аст. Авҷи тараққиёти санъати қадими В. ба ташкил ёфтани давлати Тьямпа вобаста аст (ҳазорсолаи 1-уми м; маъбадҳои хиштини буддоию браҳманӣ дар ш-ҳои Мишон ва Донгзыонг, ҳайкалҳои зинатии олиҷаноб).

Дар а-ҳои 11—13 бештар иморатҳои чӯбин сохта мешуданд. Санъати асримиёнагии В. инчунин аз тасвироти девори маъбадҳо, пейзаж, мусаввараю ҳайкалҳо, кандакории оҷу чӯб, рехтагарии фулузот, маснуоти қамишин ва локӣ иборат аст. Дар давраи ҳукмронии мустамликадорони франсавӣ дар санъат принципҳои эклектизм ва таклид ба санъати европоӣ паҳн гардид. Дар солҳои ҷанги Муқобилат (1945—54) бисьёр рассомон (То Нгок Ван, Фан Ке Ан ва диг.) дар мавзӯъҳои муҳими маишию сиёсӣ варақаҳои тарғиботӣ, плакат ва ғ. ба вуҷуд оварданд. Баъди с. 1954 дар терр. РДВ корҳои барқароркунӣ ва сохтмони нав васеъ ба роҳ монда шуд. Дар В. Шим. инчунин дар матоъҳои абрешимӣ расмҳои рангин кашидан (Нгуен Фан Тян, Чан Донг Лыонг ва диг.), кашидани лавҳаҳои локӣ, истифодаи рангҳои равғанӣ равнақ ёфта буд. Мавзӯи асосии ин асарҳо — меҳнат ва муборизаи халқ. Намудҳои анъанавии санъати ороишию амалии халқӣ такмил ёфт.

Дар ноҳияҳои В. Ҷ., ки зери назорати тартиботи Сайгон буд, таклиди ҷараёнҳои модернистии Ғарб мавқеи асосӣ пайдо карда буд. Санъатваро не, ки бо ҳаракати озодихоҳона алоқаманд буданд (Тай Ха ва диг.), дар асарҳои худ корнамоии қаҳрамонони ватанпарварро инъикос менамуданд. Баъди барҳам хӯрдани тартиботи Сайгон ва муттаҳид гардидани В. барои бомуваффақият инкишоф ёфтани мактаби миллии ягонаи санъати муосири В. шароити мусоид фароҳам омад ва ин санъат рӯ ба тараққӣ меоварад.

Мусиқӣ. Дар В.-и сермиллат ҳар як халқият анъанаҳои мусиқии қадимӣ дорад. Сурудҳои халқии лирикӣ, ҳазломез, васфи меҳнат ва ғ. (суруди заврақронон, дарахтбурон, деҳқонон) хеле маъмуланд. Мусиқии касбӣ дар асрҳои миёна пайдо шудааст; санъати мусиқии дарборӣ, ки таъсири маданияти мусиқии хитой, инчунин тьямӣ, хусусан буддоии маросимиро ифода мекард, инкишоф ёфта буд. Дар а. 16 ҷамъиятҳои мусиқии назариявӣ («Бо донг ван») ва вокалию инструменталӣ («Бо ня няк», баъдтар «Бо зяо фыонг», ки ба ҷамъияти суруду рақс табдил ёфта буд), оркестри дарбории «Дой ба лэнь» ба вуҷуд омаданд. Дар байни асбобҳои мусиқии В. асбобҳои мусиқии нафасӣ: кхен (чанд наи дарозу кӯтоҳи ба ҳам баста), дык, тиеу, шао бан, шао бау (най, карнай ва сурнайҳои гуногун), пи-доӣ (қӯшнай), пи рам лан ва пи там лей (гобой); торӣ (асбобҳое, ки аз 1 то 42 тор доранд): бауи 2-тора, тхап лук (як навъи цитра); камончадор: ғижжакҳое, ки ду ва чор тор доранд; зарбӣ: чонг дай ва чонг тео (нақора), чанг бан (даф), чынг

«Раккоса». Горельефи таҳкурсии маъбад дар Чакья. Санг.

1957 1958 1959

(ксилофон), хан ва тьенг (гонг) мавҷуданд. Дар а. 19 оркестри «Няк тянь» ташкил шуд. Дар охири а. 19 дар заминаи театри халқӣ дар В. Ҷ. театри нимкасбии миллӣ ба вуҷуд омад, ки номераҳои вокалию лирикии «Вонг ко»-и ба сурудҳои халқии В. Ҷ. асосёфтаро иҷро мекард.

Дар с-ҳои 30-юми а. 20 санъати касбии театрию мусиқӣ рӯ ба таназзул ниҳода, ҷиҳатҳои халқии худро гум кард: операҳои репертуари европоӣ ё асарҳои дар таклиди европоиён офаридаи бастакорони вьетнамӣ намоиш дода мешуданд. Дар солҳои ҷанги миллӣ ба муқобили мустамликадорони франсавӣ дар асоси сурудҳои халқии васфи меҳнат ва г. дар фольклор сурудҳои нави революционӣ ба вуҷуд омад. Аз рӯи ҳамин анъана дар РДВ сурудҳои оммавии ватандӯстонаю ҷанговарона пайдо мешуданд. Дар асоси ҳамин сурудҳо баъдтар аз тарафи бастакорони касбии РДВ оратория, кантата, симфонияҳо ба вуҷуд оварда шуданд. Дар байни нахустин операҳои вьетнамии муосир «Ко Шао» («Ситора-духтар»)-и До Ньюан, «Дар соҳилҳои дарьёи Ба»-и Ньят Лай, «Гузаргоҳ аз болои пули дарьёи калон»-и Нгуен Суан Хоат мебошанд. С. 1955 дар Ханой консерватория кушода шуд, баъдтар Мактаби театри мусиқии миллӣ, курсҳои миёна ва олии мусиқӣ, мактабҳои мусиқии бачагона кушода шуданд. Аз с. 1959 дар Ханой оркестри симфонӣ, аз с. 1965— оркестри асбобҳои халқӣ ва Хори давлатии РДВ кор мекунанд. Азназаргузаронии навозандагони асбобҳои мусиқию сарояндагони сурудҳои миллӣ барпо мегардад (аз 1962).

Театр. То а. 19 доир ба театри В. маълумоти пурра нест. Жанрҳои анъанавӣ — тео ва туонг даҳонӣ аз авлод ба авлод мегузаштанд. Тео бо иди ҳосилот алоқаманд буда, асосаш мусиқию раҳсҳои халқист, дар намоишҳо бадеҳа истифода бурда мешавад. Аз байни ходимони театр, муаллифи пьесаҳои таърихӣ, мазҳакавии тезу тунд ва ҳаҷвӣ драматург Нгуен Динь Нги маъруф аст, аз байни иҷрокунандагон — Нгуен Ван Тхань. Театри классикии В.— Туонг байни а-ҳои 11—13 дар шимоли мамлакат пайдо шудааст. Дар ибтидои а. 20 пьесаи таърихии Нгуен Хыу Тиен «Самандарҳои Донг А» ва Хоанг Танг Ви «Интиқоми шавҳар ва қарзи ватан» шӯҳрат доштанд. Театри кайлыонг, ки симои нав пайдо кардааст, дар с-ҳои 20-уми а. 20 ташаккул ёфта буд. Дар намоишҳои ин театр пардаву декорация, ки пеш вуҷуд надошт, истифода гардида, пьесаҳо ба намоишҳо тақсим мешаванд. Дар с-ҳои 1942—43 шоир Тхе Лы труппаи ҳамин намуди театрро ташкил кард. Кить-ной театри «гуфтугӯй» ё драмавиест, ки дар а. 20 пайдо шудааст. Мазҳакаҳои Мольер, Ву Динь Лонг, асарҳои мазҳакавии Хо Ши мин («Аждаҳои бамбукӣ») ба саҳна гузошта мешуданд. Баъди Рев. августи 1945 ва ташкили РДВ театр бо асарҳои драмавии нав бой гардид. Намудҳои анъанавии театрии кить-ной ва кай-лыонг аз ҳама бештар шӯҳрат ёфтанд. Санъати театрӣ дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат мавқеи муҳим ишғол кард. Пьесаҳои сершумори кить-ной ба ҳалли масъалаҳои асосӣ — ба вуҷуд овардани образи ҳамзамонон, муборизони ҳаёти нав мусоидат намуданд. Санъати театри халқии лӯхтак (театри лӯхтаки касбӣ дар Ханой с. 1957 ташкил ёфт) аз замонҳои хеле қадим вуҷуд дорад. Дар Ханой с. 1957 Ассоциацияи актёрони театри В. ташкил ёфт; 1961 мактаби олии драмавӣ кушода шуд.

Кино. Дар замони ҳукмронии франсавиён В. кинои миллӣ надошт. Асосан фильмҳои америкоию франсавӣ намоиш дода мешуданд. Баъди Рев. августи 1945 ҳукумати РДВ дар Ханой ташкилоти «Радио ва кино»-ро таъсис дод. Нахустин фильмҳои миллии хроникавӣ (беовоз) с. 1948 ба навор гирифта шудаанд («Муҳорибаи назди Мок Хоа», «Муҳорибаи назди Вен Кат»). Кинематографистони советӣ дар кори ба вуҷуд овардани кинои миллӣ хеле ёрӣ расонданд. Аввалин студияи фильмҳои ҳуҷҷатӣ с. 1956 ба вуҷуд омад. Нахустин фильми бадеӣ — «Бо ҳам дар як дарьё» (1959, режиссёр Нгуен Конг Ньи ва Фам Хеу Дан). Аз с. 1960 студияи фильмҳои бадеӣ амал мекунад. Мавзуи асосии кинематографияи миллӣ — таърихи муборизаи халқи В. ба муқобили мустамликадорони франсавӣ («Ким Донг»-и режиссёр Нью Дат, «Зану шавҳар А — Фу»-и режиссёр Мач Лок ва Хоанг Тхай, «Уқьёнуси оташ»-и режиссёр Фам Ку Нам). Баъд аз оғози таҷовузи америкоиён ба муқобили РДВ дар мамлакат фильмҳои ҳуҷҷатии «Роҳзанони ШМА», «Ханой. 5 рӯзи задухӯрд», «Дар назди дарвозаи шамол» ба навор гирифта шуданд. Мавзуи ҳарбӣ дар фильмҳои бадеии охири с-ҳои 60—ибтидои 70-ум («Ҷанговари ҷавон»-и режиссёр Хай Нинь ва Зык Нинь, «Нюи ном духтаре аз Сайгон»-и режиссёр Нгуен Дык Нинь ва Данг Минь, «Хати арзи 17-ум: рӯзу шаб» ва «Духтараке аз Ханой»-и режиссёр Хай Нинь) мавзуи асосӣ буд. Дар миёнаи с-ҳои 70-ум дар мавзуи сохтмони социалистӣ фильмҳои зиёде пайдо шуданд: «Деҳаи шинокунанда»-и режиссёрон Чан Ву ва Тхань, «Зану шавҳар Лык»-и режиссёр Чан Ву, «Коммунисти ҷавон»-и режиссёр Ву Фам Ты. С. 1975 дар РДВ 4 фильми бадеӣ истеҳсол шуд.

Харитаро ниг. дар саҳ. 528—529.

Ад. Хо Ши Мин, Избранные статьи и речи, пер. с вьетнам. и франц., М., 1959; Вьетнам (Справочник), М., 1969; История Вьетнама в новейшее время (1917—1965), М., 1970; Хо Ши Мин, О Ленине, ленинизме и нерушимой советско-вьетнамской дружбе, М., 1970; Ле Зуан, Избранные статьи и речи, М., 1971; Александров И., Эскалация позора (Агрессия США во Вьетнаме), М., 1972.

ВЬЕТНАМИҲО (худ вьет гӯянд), миллат, аксарияти куллии аҳолии РСВ. Шумораашон тақрибан 38 млн (1975), аз он қариб 500 ҳаз. дар Кампучия, Лаос, Таиланд зиндагӣ мекунанд. Ба *забони вьетнамӣ* гап мезананд. Дини буддой бештар паҳн шудааст. Қисми диндорон ба католицизм ва таълимоти дину оинҳои дигари маҳаллӣ ҳам эътиқод доранд. Қабилаҳои қадимаи В., ки аз қавми вьет (юэ) баромада буданд, ба Вьетнами Шимолӣ аз Хитои Ҷанубӣ ҳазорсолаи 1-уми то м. омадаанд. Асрҳои якуми милод дар асоси қабилаҳо халқияти В. ташаккул ёфт. А-ҳои 11—15 ҳангоми ҳаракат ба Ҷануб бо қисми аҳолии Тьямпа (ё Чампа) омехта шуданд. Танҳо ибтидои а. 20 ҳамчун миллат ташаккул ёфтанд. Машғулияти асосӣ—зироаткорӣ (пах-

Сахнае аз намоиши туонг.

1960 1961 1962

та, шоликорӣ, парвариши чуворимакка, кунчид, чой) ва моҳидорӣ. Касбу ҳунарҳои гуногун: кандакорӣ, кулолӣ, аз биринчӣ, устухон, шохи ҳайвонот ва косахонаи сангпушт сохтани ашёҳои гуногун ва ғайра равнақ ёфтааст. Қисми аҳолӣ дар саноат, нақлиёти обӣ кор мекунад. Рочеъ ба таърих, хоҷагӣ ва маданияти В. ниг. мақолаи *Вьетнам*.

Ад.: Народы Юго-Восточной Азии, М., 1966.

ВЯЛОВ Олег Степанович (тав. 10. 1. 1904, Тошкент), геологи советӣ, акад. АФ РССУ (1948), доктори илмҳои геологияю минералогия (1937), проф. (1941). Баъди хатми Ун-ти Ленинград (1928) ходими Комитети геология (ВСЕГЕИ) ва с-ҳои 1933—48 роҳбари секцияи геологияи Осиёи Миёна буд. Дар Кавказ, Устюрт, Фарғона, депрессияи Тоҷикистон ва қисмҳои диг. Осиёи Миёна, Осиёи Марказӣ, Камчатка, баъдтар дар Карпат тадқиқоти экспедиционӣ бурдааст. Ӯ аввалин геологи советӣ дар Антарктида буд (1955—56). Доир ба геологияи регионалӣ, палеонтология, стратиграфия, тектоника, гидрология, оид ба проблемаҳои дар терр-ҳои алоҳида (Фарғона, депрессияи Бухоро, Карпат, Синь-Цзян) мавҷуд будани нефть 390 асари илмӣ дорад. Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар депрессияҳои Бухорою Фарғона тадқиқот бурда, ба тартиб додани харитаи умумии Фарғона роҳбарӣ кард, оид ба сохти геологӣ ва ноҳияҳои нефтьдори Осиёи Миёна ахборот навишт. Мушовири трестҳои «Средазнефть», «Калининнефть» ва «Ворошиловнефть». Корҳои асосиаш доир ба РСС Тоҷ.— тадқиқи таҳнишасти давраҳои табошир ва палеогену неоген, тартиб додани схемаи палеоген ва г. Ӯ аъзои фахрии бисьёр ҷамъиятҳои илмии советӣ ва хориҷӣ, ноибпрезиденти филиали советии Ассоциацияи Палеонтологии Байналхалқист. Барои тадқиқоти геологии ноҳияҳои нефтьдори Фарғона лауреати Мукофоти давлатии СССР гардидааст (1947). Бо орденҳои Ленин, «Нишони Фахрӣ» ва якчанд медальҳо мукофотонида шудааст.

ВЯТИЧҲО, яке аз қабилаҳои қадимаи рус, ки дар ҳавзаи д. Ока зиндагӣ карда, бо зироат ва чорводорӣ машғул буданд; то а-ҳои 10—11 дар байни онҳо сохти падаршоҳии қабилавӣ вуҷуд дошт, а-ҳои 11—14 муносибатҳои феодалӣ инкишоф ёфтанд. А-ҳои 11—12 дар сарзамини В. чанд шаҳр — Москва, Дедослав, Кольтеск, Неринск ва г. пайдо шуд. Аз миёнаи а. 12 В. ба ҳайати князии Москва дохил шуданд.

ВЯТКА, дарьё дар вил. Кирови РСФСР ва РАСС Тот., шохоби рости д. Кама. Тӯлаш 1314 км, масоҳ. ҳавзааш 129 ҳаз. км². Аз баландии Верхнекамск (дар РАСС Удм.) оғоз ёфта, дар водии васеъ ҷорӣ мешавад. Манбааш асосан барф. Сарфи миёнаи солонаи об 890 м³/сон. Нояб. ях баста, апр. об мешавад. Шохобҳои асосиаш: аз рост — Кобра, Летка, Великая, Молома, Пижма; аз чап — Чепца, Быстрица, Воя, Кильмезь. Дар В. моҳӣ (лаққамоҳӣ, шӯртан, симмоҳӣ ва г.) бисьёр аст. Дарьё то ш. Киров (700 км), баҳорон то истгоҳи Кирс (зиёда аз 1000 км) киштигард. Истгоҳҳои асосиаш: Киров, Котельнич, Советск, Вятские Поляны.

ВЯТКИН Василий Лаврентьевич (30. 8. 1869, вил. Ҳафтруди ҷан. шарқии РСС Қаз.— 26. 6. 1932, Самарқанд), археологи советӣ. Асосгузор (1896) ва директори музеи Самарқанд. С-ҳои 1905—31 (бо фосила) дар *Афросиёб* ҳафриёт гузаронид (натиҷаҳои асосии он дар «Афросиёб — димнаи Самарқанди бостонӣ» с. 1927 дарҷ гардидааст). В. с-ҳои 1908—09 ва 1914 дар натиҷаи ҳафриёт ҷои расадхонаи Улуғбекро муайян намуд; ба омӯхтан ва муҳофизати ёдгориҳои меъмории Самарқанд («Ёдгориҳои қадимаи Самарқанд», 1927; «Меъмории Самарқанди қадим», 1929) аҳамияти калон дод. В. чун гирдоваранда, ношир ва шореҳи дастхатҳои асри миёнаи Шарқ низ маъруф ва машҳур гаштааст.

Г

Г (ге), ҳарфи чоруми алифбои ҳозираи тоҷикист, ки аз алифбои русӣ гирифта шуда (1940), овози таркандаи пасикомии ҷарангдорро ифода мекунад ва шакли навишти чопиаш Гг, дастнависаш *Г г* мебошад. Дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ (то 1930) гоф ном дошта, ба шакли *گ* ифода меёфт. Дар алифбои лотиниасоси тоҷикӣ (1930—40) шакли чопиаш Gg, дастнависаш *Gg* буд. *В. Капранов.*

ГААГА ('s-Gravenhage, Den Haag), шаҳр дар Нидерланд, дар соҳили Баҳри Шимолӣ, қароргоҳи шоҳ ва ҳукумат, маркази маъмурии Голландияи Ҷанубӣ. Аҳол. 685 ҳаз. наф. (бо атрофаш, 1975). Узели нақлиёт. Ба воситаи каналҳо ва роҳҳои оҳану автомобильгард бо бандари Роттердам, пойтахти расмии мамлакат — Амстердам ва шаҳрҳои диг. алоқаманд аст. Дар Г. корхонаҳои калони истеҳсоли аппаратҳои радиою телевизион ва телефону телеграф, дар атрофи шаҳр з-дҳои самолёту киштисозӣ ва чӯянгудозӣ мавҷуданд. Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ (бештар қанноди) ва сабук бисёранд. Аз чӯбу шиша маснуоти бадеӣ тайёр мекунанд. Дар Г. осори меъмории а-ҳои 12—18 боқӣ мондааст. Академияи подшоҳии санъати тасвирӣ, музейҳо, аз ҷумла Музеи байналхалқии матбуот ва г. ҳастанд. Г. қароргоҳи Суди байналхалқӣ.

Г. бори нахуст дар сарчашмаҳои с. 1097 зикр шудааст. С. 1872 дар Г. конгресси Интернационали I барпо гардида буд. Г.— ҷои чандин конференцияҳои байналхалқист (конференцияи Г.-и 1922 ва г.).

ГАББРО (итал. gabbro — номи маҳал дар шим. Италия), ҷинси кӯхии магмавӣ. Дар чуқуриҳои амиқи қишри Замин дар натиҷаи оҳиста-оҳиста хунук шудани магма ҳосил мешавад. Таркибаш аз плагиоклази асосӣ (лабрадор, битовнит), минералҳои ранга (пироксен), баъзан оливин ва амфибол ва миқдори ками минералҳои маъданӣ иборат аст. Вобаста ба таркиби минералогӣ якчанд хел мешавад: норит, троктолит, анортозит, лабрадорит, габбро-диорит. Навъҳои пироксену оливин доштаашро Г.-и оливиндор ва дорои 85—90% плагиоклазро плагиоклазит меноманд. Рангаш сиёҳ, сабзи тира, баъзан алобуло. Дар табиат ба шакли *шток*, *лакколит*, *дайка* вомехӯрад. Дар Тоҷикистон дар қ-кӯҳи Ҳисор ва кӯҳҳои Помир мавҷуд аст. Аксар Г.-ро дар ҳайкалтароши, бинокорӣ ва рӯйкаши деворҳо истифода мебаранд.

ГАБЕН (Gabin) Жан (фам. ва номи аслиаш Жан Алекси Монкорже) (17. 5. 1904, Мериель—1976, Париж), киноактёри франсавӣ. Фаъолияти эҷодии ӯ с. 1923 чун раққоси эстрада ва ҳофизи театри оперетта оғоз ёфтааст. Бори аввал дар киноопереттаи «Шояд кори ҳар кас барор гирад» (1931) ҳунарнамоӣ кардааст. Образҳои офаридаи Г. ҳаёти одамонеро инъикос кардаанд, ки бо вуҷуди аз тарафи ҷамъият маҳкум ва таъқиб шуданашон, ҳамеша соҳиби хислатҳои неки маънавии инсонӣ, хайрхоҳӣ ва ҳисси рафоқат мебошанд: коргар Жан (аз фильми «Ҷамоати тифоқ»), горатгар Пепе («Пепе ле Моко», ҳарду 1936), Марешаль («Фиреби бузург», 1937). С-ҳои 50—60 эҷодиёти Г. мазмуни нав мегирад. Агар қаҳрамонҳои ӯ пештар беқаророна ба ҳаёти беҳтар умедвор бошанд, акнун ба зиндагӣ бо чашми хирад, гоҳо бо назари истеҳзо ва ё нобоварӣ менигаристагӣ шуданд: машинист Раймон («Шаб — ҷаҳони ман», 1951), Макс («Ба тӯъма нарасед», 1954), банкир Ноэль Шудлер («Забардастони ин ҷаҳон», 1958) ва диг. Чандин бор бо мукофотҳои миллии Франция ва мукофотҳои кинофестивальҳои байналхалқӣ сарфароз гардонда шудааст. *Б. Раҳматов.*

ГАБОН (Gabon), ниг. *Республикаи Габон.*

ГАБОРОНЕ (Gaborone), пойтахти Республикаи Ботсвана, дар сари р. о., ки ба бандарҳои РАҶ ва Мозамбик мебарад. Аҳол. 37 ҳаз. наф. (1975). Қисми зиёди аҳолӣ бо деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул аст. Аэродром дорад.

ГАБРИЕЛЬ (Gabriel) Жак Анж (27. 10. 1698, Париж, — 4. 1. 1782, ҳамон ҷо), меъмори франсавӣ. Аз с. 1742 сармеъмори шоҳ ва президенти Академияи меъморӣ буд. Яке аз асосгузорони классицизми а. 18 аст. Биноҳое, ки аз рӯи лоиҳаи Г. бунёд шудаанд, назар ба равияи пурдабдабаю серороиши рококо (а. 17) услубан оддӣ ва хушнамуд мебошанд. Трианони Хурд дар Версаль (1762—64) ва Майдони Людовики XV (ҳоло Майдони Созиш) дар Париж (1753—75) аз рӯи лоиҳаи Г. сохта шудааст.

ГАБРОВО, шаҳр дар Булғория, дар соҳили д. Янтра. Маркази маъмурии окр. Габрово. Аҳол. 70 ҳаз. наф. (1970). Маркази муҳими саноати сабук (корхонаҳои бофандагӣ, пӯст, чарм, пойафзол), мошинсозӣ (дастгоҳҳои бофандагӣ ва металлбурӣ, асбобҳо ва электротельферҳо). Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, мебель низ дорад. Ҷои туризм. Дар Г. ҳар сол фестивали миллии мазҳака баргузор мегардад.

ГАБРҲО, گبرها пайравони *зардуштия* дар Эрон; авлоди форсҳо, ки дар а. 7 баъди Эронро истило кардани арабҳо исломро қабул накарданд (худро «беҳдинон» номидаанд). Г. оташпарастанд. Асосан дар Язд ва Кирмон зиндагӣ карда, ҷамоаҳои диниро бо сардории коҳинон ташкил медиҳанд. Шумораи Г. дар Эрон якчанд ҳазор мебошад. Қисми Г. баъди а. 7 ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд, ки дар он мамлакат бо номи *порсҷо* маълуманд.

ГАВАЗН (Cervidae), оилаи ҳайвонҳои ширхӯри ҷуфтсум. Дар дунёё 40 намуди Г. маълум буда, дар Европа, Осиё, Африкаи Шимолӣ, Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ паҳн шудааст. Дар СССР 6 намуди Г. (гавазни шимолӣ, *шоҳгавазн*, *оҳу* (косуля), гавазни холдор, лань ва хонгул) мавҷуд буда, аз он дар РСС Тоҷ. танҳо *хонгул* вомехӯрад. Г. ҳайвони базебу чобук аст. Пойҳои дароз, думи кӯтоҳ ва гӯшҳои калону дароз ва чанбаршох (одатан Г.-и нар) дошта, бештар малла ё бӯр (ҷавонаи Г. аксар холдор) мешавад. Дар беша, бешатундра, тундра, инчунин ҷангали кӯҳсор зиндагӣ мекунад. Ҳайвони алафхӯр буда, дар 1,5-солагӣ болиғ мешавад. Г.-и мода 1—2 бача мезояд. Шикори аксар намудҳои Г. манъ шудааст. Ниг. низ *Гавазнпарвари*. *Г. Н. Сапожников.*

ГАВАЗНПАРВАРИ, соҳаи асосии чорводорӣ дар кишварҳои шимолӣ. Гавазнро барои гӯшт, пӯст, шох, баъзан барои шир парвариш мекунанд ва чун воситаи боркашӣ (мас., гавазни шимолӣ) низ истифода мебаранд. Дар Шимоли Дури СССР барои гавазни шимолӣ бештар аз 10 млн км² чарогоҳи доимӣ ҷудо карда шудааст. Вил-ҳои Магадан, Тюмень, Архангельск, Камчатка, Мурманск, Амур,

Сахалин, Иркутск, РАСС Коми, РАСС Тува, РАСС Бурятистон, РАСС Ёқутистон, кишв-ҳои Хабаровск ва Красноярск ва ғ. р-нҳои асосии Г.-и СССР мебошанд. Саршумори гавазни шимолӣ дар СССР ба 2 463,9 ҳаз. (1 янв. 1977) расидааст (аз ҷумла дар 87 к-з 562,5 ҳаз., дар 107 с-з 1363,9 ҳаз. дар 72 хоҷагии давлатӣ ва кооперативӣ 212,9 ҳаз., дар хоҷагии шахсии колхозчиён ва коргарону хизматчиён 324,6 ҳаз. сар). Дар СССР аз гавазнҳои шимолӣ соле бештар аз 30 ҳаз. т гӯшт мегиранд. Ғайр аз гавазни шимолӣ, инчунин гавазни холдор ва *марал* низ парвариш карда мешавад. Аз щохи нарми Г. (пант) дорои машҳури *пантокрин* ва дигар воситаҳои табобатӣ тайёр мекунанд. Аз марал соле бештар аз 200 ц ва аз гавазни холдор зиёда аз 60 ц шохи нарм гирифта мешавад. Хоҷагиҳои гавазнпарварӣ ҳар як кг-и шохи нармро ба з-дҳои фармацевтӣ бо нархи 120 (марал) ва 416 сӯм (гавазни холдор) мефурӯшанд. Парвариши гавазни холдор ва марал дар кишв-ҳои Приморий, Олтой, Красноярск ва РСС Қазтараққӣ кардааст. Саршумори умумии марал 25 ҳаз. ва гавазни холдор қариб 60 ҳаз. аст.

Оид ба Г. дар ин-тҳои тадқиқоти илмии х. қ.-и Олтой, Норильск, Магадан, Ёқутистон, станцияҳои таҷрибавии гавазнпарварии Мурманск, Нарьян-Мар, Ханты-Мансийск ва ғ. корҳои тадқиқотӣ мебаранд. Дар мамнӯъгоҳи «Ромит» ва «Полвонтӯқай»-и РСС Тоҷикистон бештар аз 400 сар хонгул мавҷуд буда, хоҷагиҳои ҷангали республика ба муҳофизат ва афзоиши саршумори онҳо эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

Ад.: Северное оленеводство. М., 1961; Система ведения сельского и промыслового хозяйства на Крайнем Севере, Красноярск, 1969.

Гавана. Намуди шаҳр аз тарафи баҳр.

ГАВАЙ, ҷазираҳои Гавай (Hawaiian Islands), ҷазираҳои Сандвич, галаҷазира дар қисми марказии уқ. Ором, калонтарин дар Полинезия. Галаҷаз. ба бештар аз 3600 км тӯл кашида, аз 24 ҷаз. иборат аст. Калонтарини онҳо: Гавайи, Мауи, Молокаи, Оаху, Кауаи. Ҷаз-ҳои Г.— қуллаҳои қаторкӯҳи вулқонии зериобианд (баландтарин кӯҳҳои вулқонии ҷаҳон), ки то 6—8 ҳаз. м қомат афрохтаанд. Баландии вулқони хомӯшшудаи Мауна-Кеа 4205 м аст. Вулқонҳои амалкунандаи ҷаз-ҳои Г.— Мауна-Лоа ва Килауэа. Иқлими ҷаз-ҳои Г. тропикии баҳрӣ. Аз зироати х. қ. пайшакар, ананас, қаҳва, банан ва ғ. меруяд. Шолӣ мекоранд. Корхонаҳои саноатиаш қанду шакар ва консерви мева мебаранд. Курортҳо дорад. Ҷои туризм. Ҷаз-ҳои Г. узели муҳимтарин роҳҳои қисми шим. уқ. Ором аст, ки ШМА-ро бо Осиёи Шарқӣ мепайвандад. Маркази маъмурию иқтисодӣ, бандари асосиаш Гонолулу (дар ҷаз. Оаху), ки он ҷо базаи ҳарбии баҳрии Пёрл-Харбор воқеъ гардидааст.

Ҷаз-ҳои Г.-ро с. 1778 баҳрнаварди англис Ҷ. Кук кашф кардааст. Аз с. 1959 яке аз штатҳои ШМА мебошад, ки Гавайи ном дорад.

ГАВАНА (La Habana), пойтахти Куба, дар қисми шим. ғарбии ҷаз-ҳои Куба, дар соҳили хал. Мексика. Аҳол. қариб 1 млн, бо сокинони атрофаш 1,9 млн нафр. (1975). Узели калони нақлиёт; муҳимтарин маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании мамлакат. Бандари асосии Куба. Г. қариб 50% маҳсулоти саноати мамлакатро медиҳад. Бо истеҳсоли сигор машҳур аст. Саноатҳои хӯрокворӣ, бофандагӣ, металлургияи сиёҳ, коркарди металл, химия, истеҳсоли маҳсулоти нефть, киштисозию таъмири он ва ғ. дорад. Бо ёрии СССР бандари калони моҳидорӣ бо яхдону базаи таъмирӣ, инчунин з-ди таъмири автомобиль сохта шуд; аз с. 1972 аснавсозии комбинати металлургии Гавана давом дорад. Аз бандаргоҳ ба самти Ғ. қисми кӯҳнаи шаҳр бо биноҳои қадимӣ ва ёдгориҳои таърихии а-ҳои 16—18 воқеъ гаштааст. Дар Ҷ. ва Ғ. (р-нҳои Серро, Ведадо ва ғ.) қасру виллаҳои боҳашамат, биноҳои серошьёнаи ҳозиразамон, кӯчаю майдонҳои васеъ ҷой гирифтаанд. Баъд аз революцияи 1959 маҳалли истиқоматии Гавана-дель-Эсте буньёд шуд. Г. ун-т (аз 1728), АФ (аз 1962), китобхонаҳо, музейҳо, театрҳо дорад.

Г. тақрибан с. 1515 дар соҳили ҷан. ҷазира бо ташаббуси кишваркушои испанӣ Диего Веласкес буньёд ёфта, с. 1519 он ба соҳили ҷан. ғарбӣ кӯчонида шуд. Аз охири а. 16 — маркази маъмурии Куба.

ГАВАШТ (گوشت — нарм, нафис), яке аз овозҳои шашгона (ово-

Гавазн: 1 — гавазни холдор; 2 — мунчак; 3 — гавазни шимолӣ; 4 — хонгул; 5 — гавазни обӣ; 6 — шохгавазн.



1969 1970 1971

зи чорум) дар «Дувоздаҳмақом» ва «Шашмақом», яке аз ҷузъҳо ё пардаҳои мақоми «Исфаҳон» (пардаи даҳум). Таркиби қаторовозҳои (ҷамъи) он 76 доираро ташкил медиҳад ва сохти доиравии он чунин аст:

А+Ҷ+В+Ҳ+Й+Йб+Йч+Йв+Йх =
Ҷ+Т+Ҷ+Ҷ+Ҷ+Б+Т+Ҷ =
0–180–384–498–678–792–882–1086–1200

Л	Л	Л	Л	Л	Л	Л	Л
180	204	114	180	114	90	204	114

Тарз ва усули ҷойгиршавии Г. дар таркиби «Ҳафтдастгоҳ» («Ҳафтмақом»)-и Эрон дигаргун аст. Г. дар мақоми «Наво» дар натиҷаи тағьир додан ва поён кардани дарачаҳои дуюм ва панҷуми ҳар як парда ҳосил мешавад. Г. бо мақоми «Сегоҳ» низ вобаста буда, ба қисмати Даромади он шабоҳат дорад. Зарбу вазни Г. нарм, нафис, дилошӯб аст.

Ад.: عبدالمؤمن صفی‌الدین، بهجت‌الروح، تهران، ۱۳٦٤

А. Рачабов.

ГАВЗ, ниг. *Ҷавз.*

ГАВР (франс. Le Havre — бандар), шаҳр, яке аз калонтарин бандарҳои Франция дар резишгоҳи д. Сена. Аҳол. 200 ҳаз., бо сокинони атрофаш 247,4 ҳаз. наф. (1968). Г. «дарвозаи баҳрии Париж» аст. Мубодилаи бор соле 40 млн т. Саноати киштисозӣ ва соҳаҳои дигари мошинсозӣ, химия, цемент, бофандагӣ, хӯрокворӣ, коркарди металлҳои ранга ва истеҳсоли маҳсулоти нефть дорад. Ин-ти уқьёнусшиносӣ мавҷуд аст.

ГАВРИЛОВ Тимофей Кузьмич (1910, деҳаи Шемирица, вил. Ленинград — 1944), Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ (1944), капитани гвардия.

Аъзои КПСС аз с. 1938. Баъди хатми мактаби Флоти ҳавоии граждани (1935) ҳамчун лётчик дар Туркманистон (1935), аз с. 1938 дар Тоҷикистон кор кард. Аз июни 1941 дар Армияи Советӣ. Дар муҳорибаи назди Москва иштирок намуд. Аз болои кӯли Ладога ба Ленингради муҳосирашуда 220 бор парвоз карда, лавозимоти ҳарбӣ, озуқа ва дорувор расонид. Дар ҷангҳои Сталинград фаъолона иштирок дошт. Шабона 212 маротиба парвоз намуда, объектҳои ҳарбии душманро бомбаборон кард. Авг. 1943 командири собиқ эскадрильяи 102-и полки авиационӣ. Г. чор маротиба ба ақибгоҳи душман фуруд нишаста, ба отряди партизании Сабуров дар атрофи Минск лавозимоти ҳарбӣ расонд ва се бор дар атрофи Киев десант фаровард. Бо орденҳои Ленин, Байраҳи Сурх ва медальҳо мукофотонида шудааст.

ГАВҲАР, марворид, дур (р), 1) моддаи оҳакии лӯндашакл, ки дар ҷавфи (ковокии) садаф (баъзе намудҳои моллюскҳо)-и баҳр ё дарьё пайдо мешавад. Баъзан ба ҷавфи ин ҷонварон паразит, регреза ва ғ. ворид мегардад ва тадричан онҳоро пардаи садаф печонида Г. ба вуҷуд меояд. Ранги Г. ҷилодори сафед, гулобӣ, зардча, баъзан сиёҳ мешавад. Андозааш аз заррачаҳои микроскопӣ то тухми кабӯтар шуда метавонад. Г.-и калони лӯнда ва дурустқолаб хеле қиматбаҳост. Одатан андозаи Г. аз нахӯд калонтар мешавад. Г.-ҳои андозааш хурдро марворид, сурхчатоби нисбатан калонашро дур меноманд. Г.-ро аз Баҳри Сурх ва хал. Форс, соҳилҳои Шри-Ланка, Австралия, Япония ва Венесуэла ба даст меоранд. Дар замонҳои қадим аз дарьёҳои Россия, Шотландия, Германия, Хитой ва мамлакатҳои Америкаи Шимолӣ низ Г. мегирифтанд. Г. дар Осиёи Миёна, Ҳиндустон ва мамлакатҳои диг. Шарқ аз қадимулайём (якчанд аср пеш аз м.) маъмул буд. Онро дар маснуоти заргарӣ (шадда, ҳалқа, ангуштарин, қуббаи сари сина ва ғ.) васеъ истифода мекунанд. Дар тибби қадим Г.-ро барои муолиҷаи баъзе касалиҳо дар таркиби дорухои гуногун, аз ҷумла доруи чашм (сурмаи сулаймонӣ) низ ба кор мебурданд. Бинобар афзудани талабот ба Г. дар а. 20 ба таври сунъӣ ҳосил кардани он (махсусан дар Япония) авҷ гирифт. Ба ин мақсад ба ҷавфи моллюскҳои баҳрӣ сақкочаҳои садаф мегузоранд, ки аз онҳо дар муддати муайян Г. ҳосил мешавад. 2) Санги қиматбаҳо, бештар алмос. 3) Дар фалсафа ба маъноии асл, зот, сиришт. 4) Ба маъноии маҷозӣ — нажод, насаб, фарзанд, ашк, дандон. Дар адабиёти бадеӣ Г. сифатҳои гуногун дорад: гавҳари манзум, гавҳари ноб, гавҳари сероб, гавҳари фард, гавҳари фурӯзон, гавҳари шабчарог, гавҳари якто, гавҳари якдона, шабфурӯз ва ғ.

У. Олимов.

РӮЙХАТИ АЪЗОЁНИ ШӮРОҲОИ ИЛМИИ РЕДАКЦИЯҲОИ СОҲАВӢ

Адабиётшиносӣ: ШУКУРОВ М. Ш. (раис), АЙНӢ К. С., ДЕМИДЧИК Л. Н., МИРЗОЗОДА Х., МУҲАММАДИЕВ Ф., НАСРИДДИНОВ А., НИЕЗӢ Ш., ОТАХОНОВА Х., САТТОРОВ А., ҚАНОАТОВ М., ҒАФФОРОВ А., ҲОДИЗОДА Р., ҲУСЕЙНЗОДА Ш.

Археология: НЕЪМАТОВ Н. Н. (раис), ЁҚУБОВ Ю., ИСҲОҚОВ А., ПӮЛОДОВ Ӯ. П., РАНОВ В. А., ҒУЛОМОВА Э.

Астрономия, сейсмология ва геофизика: БОБОЧОНОВ П. Б. (раис), ИБОДДИНОВ Ҳ., МАМАДАЛИЕВ Ю., МАХСУМОВ М. Н., НЕЪМАТУЛЛОЕВ С. Х., ПОЧОҶОНОВА Г. Н., САИДОВ Қ. Ҳ., СОТИБОЛДИЕВ В., ҚАҲҲОРОВ А.

Биология: РАСУЛОВА М. Р. (раис), АБДУСАЛОМОВ И. А., АШУРОВ А. А., БАРОТОВ Ш. Б., ИСМОИЛОВ М. И., ИСОЕВ А., КАРИМОВ Х. Ҳ., УМАРОВ Ш. А., ЮНУСОВ С. Ю., ҶАЛИЛОВ У. Ҷ.

География: ҶӮРАЕВ Қ. Ш. (раис), ЗИЁЕВ Д. З., МАМАДҶОНОВА М. Ю., НАСРУЛЛОЕВ Ҳ., ОЧИЛОВ Ҳ. Ғ., ПӮЛОДОВ Д. П., ХУДОИЕВ Н. Х.

Геология: БАРОТОВ Р. Б. (раис), БОБОЕВ А., БОБОЕВ Ш. Б., БОБОХОҶАЕВ С. М., ҲАСАНОВ А. Ҳ., ҶАЛИЛОВ М., ҶАНОБИЛОВ М.

Забоншиносӣ: РУСТАМОВ Ш. (раис), ИСМАТУЛЛОЕВ М. Ф., КАРАМШОЕВ Д., КАПРАНОВ В. А., МАҚСУДОВ Т. М., СИЯЕВ Б., ТОҶИЕВ Д., ҒАФФОРОВ Р., ҚУРБОНОВ Х.

Иқтисодиёт: САИДМУРОДОВ Ҳ. М. (раис), АБДУЛЛОЕВ З. А., АКРАМОВ О. А., АЪЗАМҚУЛОВ Ҳ. А., БОБОСОДИҚОВА Г. Б., ЗАЙНИДДИНОВ Ҳ. З., ЗАРИФОВ Ғ. З., ИСОМАТОВ Б. И., ЛАФИЗОВ Ҷ. Л., МАМАДНАЗАРБЕКОВ М. М., МИРОҚИЛОВ Т. М., НАЗАРОВ Т. Н., ХОҶАЕВ Ф. Х., ЮЛДОШЕВ Я., ҚАЮМОВ Н., ҚУРБОНОВ Ҳ. Қ., ҲОҶИБОЕВ А. Ҳ.

Кори ҳарбӣ: ҒАФФОРОВ А. Ғ. (раис), МАМАДОВ В. М., СЕЧКИНА Л. П., ТОШМУҲАММАДОВ М. Д., ШАРИФОВ Б. Ш., ЮСУФОВ А. Ю.

Матбуот: ҚАЛАНДАРОВ Ғ. Н. (раис), БЕРДИЕВА Б., НАСРИДДИНОВ З., МУЛЛОҶОНОВ М., МУҲИДДИНОВА Х., ПШЕНИЧНЫЙ Б. Н., ПӮЛОДОВ С. П., РАҶАБОВ У., СТАРОДИНСКАЯ О. С., ФАЙЗУЛЛОЕВ И., ҲОҶӢ СОДИҚ.

Математика: ҶӮРАЕВ А. Ҷ. (раис), БОБОЕВ Ғ. Б., ИМОМНАЗАРОВ Б., МАЛИКОВ Ҳ. М., МУРТАЗОЕВ Д. М., МУХТОРОВ С., МУҲАММАДИЕВ Э., ОСИМОВ Қ. У., РАҶАБОВ Н. Р., РӮЗМЕТОВ Э., ТОШБОЕВ В. Х., УСМОНОВ З. Ҷ., ҒАФУРОВ Н., ҶӮРАЕВ Ғ.

Мусиқӣ: САЙФИДДИНОВ Ш. (раис), АБДУЛЛОЕВ Х., БОБОҚУЛОВ А., ДӮСТМУҲАММАДОВ Д., МУРОДОВ Ҷ., САБЗАНОВ Я., ТОҶИКОВА З., ШАҲИДӢ З., ҒАЮРОВ М.

Педагогика ва маорифи халқ: ОБИДОВ И. О. (раис), КАРИМОВА О. Б., ЛУТФУЛЛОЕВ М., ОЛИМОВ Б., РАҲИМОВ Б., РАҲМОНОВ М., ХУШВАҚТОВ И. Х., ҚАЮМОВ А. Қ.

Психология: САФАРОВ Н. (раис), АЛИЕВ С., АТОХОНОВ Р., ПАРПИЕВ Н. П., СОЛЕҲБОЕВ В. Ҳ., ТУРСУНОВ Н.

Санъати меъморӣ: ҲАКИМОВ Ҳ. (раис), ВЕСЕЛОВСКИЙ В. Г., ЁҚУБОВ Н. Х., РӮЗИЕВ М., СОЛЕҲОВ Э., ХМЕЛЬНИЦКИЙ С. Г.

Санъати тасвирӣ: ХУШВАҚТОВ Х. (раис), АЙНӢ Л. С., АШРАФӢ М. М., ҚУРБОНОВ С., ҲАБИБУЛЛОЕВ З. Н.

Таърихи КПСС: АҲМАДОВ Ҳ. (раис), ВИШНЕВСКИЙ А. Я., ЗИКРИЕЕВ Ф. Б., КАРИМОВ Т. Р., КЕЛДИЕВ И., МАКАШОВ А. В., НАЗАРШОЕВ М., СУЛТОНОВ Ш. М., ТУРСУНОВ А. Т., ХОЛҶӮРАЕВ Ҳ., ЭРКАЕВ М.

Таърихи умумӣ, СССР ва Тоҷикистон: ИСКАНДАРОВ Б. И. (раис), БОБОХОНОВ М. Б., МАҶЛИСОВ О., МУХТОРОВ А., НАБИЕВА Р., НАЗАРОВ Ҳ. И., НЕЪМАТОВ Н., ХӮҶАЕВ С. Х., ШУКУРОВ М. Р., ҲАЙДАРОВ Ғ. Ҳ., ҶАЛИЛОВ А. Ҷ.

Театр ва кино: НУРҶОНОВ Н. (раис), АҲРОРОВ А., ВАЛАМАТЗОДА Ғ., ЗАВҚИБЕКОВ Г., КИМЬЕГАРОВ Б., РАҲИМОВ А., СИДҚӢ А., СОБИРОВ Т., СОБИРОВА М.

Техника: ҲОҶИЕВ А. Д. (раис), АБДУЛЛОЕВ О., ИКРОМОВ М., ИКРОМОВ Р. З., РАБЕЪҶОНОВ Н., РАҲИМОВ А. Р., САИДОВ Ҳ., УСМОНОВ Ҳ. М., ФАТТИДИНОВ Б. Р., ШУКУРОВ Я., ЮРМАТОВ В. Ф., ҚАРОЕВ Ғ. О.

Тиб: ИСҲОҚӢ Ю. Б. (раис), АБДУЛЛОХОҶАЕВ З. Ё., АБДУРАҲМОНОВ Ф. А., АҲМАДОВ Б. П., БОБОХОҶАЕВ М. Х., ДОДХОЕВ Ю. И., МУҲИДДИНОВ Б. Н., НУРАЛИЕВ Ю. Н., ОРИФОВ А. Я., ПӮЛОДОВ А. М., ПӮЛОДОВ А. Т., ПӮЛОДОВА М. Т., РАСУЛОВ М. Ё., РАҲИМОВ Я. А., ТОҶИЕВ Ё. Т., УСМОНОВ Н. У., ХОЛМАТОВ И. Б., ҒОИБОВ А. Ғ., ҲАЙДАРОВ К. Ҳ., ҲАСАНОВА Қ. Ҳ., ҲОМИДОВ Н. Ҳ., ҲОШИМОВ Ҷ. М.

Фалсафа: АШУРОВ Ғ. А. (раис), АСЛОНОВ М. А., АШУРОВ Д. А., ДИНОРШОЕВ М. Д., ДОДИХУДОЕВ Х. Д., ДОДОБОЕВА С. Ю., КОМИЛОВ М. К., МАҶИДОВ Р. М., НАВРӮЗОВ С., ПРИПИСНОВ В. И., РАҲМОНОВ Т. Р., РАҶАБОВ М. Р., САЙФУЛЛОЕВ Н. М., САЛИМОВ Н. С., СУЛТОНОВ У., ТУРСУНОВ А., ТУРСУНЗОДА Ф. М., ШАРИФОВ И. Ш., ШАРИФОВ Я. Ш., ҲАСАНОВА С., ҚУЛМАТОВ Н. А.

Физика: АДҲАМОВ А. А. (раис), АСРОРОВ А., БОБОЕВ Т. Б., МАВЛОНОВ Ш. М., МАЪРУФОВ Р. М., НАРЗИЕВ Б., НАРЗУЛЛОЕВ Б. Н., НОРМУРОДОВ Ф., РАҶАБОВ П., СОДИҚОВ Ҳ. У., ТӮХТАСИНОВ И., ҚОДИРОВ С., ҲАКИМОВ Ф. Х., ҶАМОЛОВ М.

Физкультура ва спорт: САЪДУЛЛОЕВ М. С. (раис), МУРОДОВ А., РУСТАМОВА З., СУЯРҚУЛОВ П., ШУКРОЕВ К. Ш., ҲАСАНОВ И.

Фольклоршиносӣ: АМОНОВ Р. (раис), АСРОРӢ В. М., СӮФИЕВ А., ТИЛАВОВ Б., ШЕРМУҲАММАДОВ Б.

Химия: НӮЪМОНОВ Э. У. (раис), БОСИТОВА С. М., ВАҲҲОБОВ А. В., ЁҚУБОВ Ҳ. М., ИКРОМӢ Ҷ. Ҷ., НОСИРОВ И. М., ПОЧОҶОНОВ Д. Н., СОБИРОВ С., СУЛАЙМОНОВ А. С., ҚАЛАНДАРОВ И. Ё., ҚУРБОНОВ О. Р.

Хоҷагии қишлоқ: МАХСУМОВ А. Н. (раис), АЛИЕВ Ғ. А., КАРИМОВ З., МАДАМИНОВ А. А., МАДАМИНОВ А. А., МЕНЛИКИЕВ М., МУСТАҚИМОВ Р., САДРИДДИНОВ А. А., ТЕШАЕВ С. Т., ФОРСИХОНОВ С. Э., ШАМСИДДИНОВ Б., ҒАФФОРОВ А. Қ., ҚОСИМОВ Ҷ. Қ.

Этнография: ҲОМИДҶОНОВА М. (раис), МУҲИДДИНОВ И., ПИСАРЧИК А. И., РАҲИМОВ М. Р.

Ҳуқуқ: РАҶАБОВ С. А. (раис), МАҲМУДОВ Ш. Д., РАҶАББЕКОВ М., РАҶАБОВ С. Р., РОЗИҚОВ Ш. Р., УМАРОВ А., УСМОНОВ О., ҚОСИМОВ С., ҚУРБОНОВ С., ҲАСАНОВ К. Ҳ., ҲАСАНОВ С. Х.

ИХТИСОРАҲОИ АСОСИИ ЭСТ

а.— аср
авв.— аввали
авг.— август
автон.— автономӣ
Ад.— адабиёт (дар библиография)
АИП СССР — Академияи илмҳои педагогии СССР
АИТ СССР — Академияи илмҳои тибби СССР
АИҶ — Академияи илмҳои ҷамъиятшиносӣ
акад.— академик
англ.— англисӣ
апр.— апрель, апрелӣ
АР — Академияи рассомӣ
ар.— арабӣ
арм.— арманӣ
арт.— артист
Ас.— асар (дар библиография)
ат.— атом
АФ — Академияи фанҳо
афр.— африкой
а. ш.— арзи шимолӣ
а. ҷ.— арзи ҷанубӣ
б.— баҳр
библ.— библиография
бошқ.— бошқирдӣ
ВАБК — Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ
ВАСХНИЛ (Всесоюзная академия сельскохозяйственных наук имени В. И. Ленина) — Академияи умуми иттифоқии илмҳои хоҷагиҳо қишлоқи ба номи В. И. Ленин
ВБД — Вазорати бехатарии давлатӣ
ВГИК (Всесоюзный государственный институт кинематографии) — Институти давлатии умумииттифоқии кинематография
вил.— вилоят
ВКД — Вазорати корҳои дохилӣ
ВКХ — Вазорати корҳои хориҷӣ
ВХҚ — Вазорати хоҷагии кишлоқ
ВЧК (Всероссийская чрезвычайная комиссия)—Комиссияи фавқулоддаи умумироссия
ВЫУТЕИН (Высший государственный художественно-технический институт) — Институти олии давлатии бадеии техникӣ
галаҷаз.— галаҷазира
ГИТИС (Государственный институт театрального искуства имени А. В. Луначарского) — Институти давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскиӣ
губ — губерния
гул.— гулӯгоҳ
Д — Душанбе (дар библиография)
д.— дарьё
дек.— декабрь
диг.— дигар, дигарон
дисс.— диссертация
ЗАГС (Запись актов гражданского состояния) — Қайди актҳои ҳолати граждани
з-д — завод
зоол.— зоологӣ
ИБ — Иттифоқи бастакорон
ибт.— ибтидой
ИЖ—Иттифоқи журналистон
ИК — Иттифоқи кинематографистон
ИКД—Инспекцияи коргару деҳқон
ИМ — Иттифоқи меъморон
ИМЛ — Институти марксизм-ленинизм
ИМЭЛ — Институти Маркс, Энгельс, Ленин
ИН — Иттифоқи нависандагон
ин-т — институт
ИР — Иттифоқи рассомон
исп.— испанӣ
итал.— италиявӣ
к. а. м.— коэффициенти амали муфид
КБД — Комитети бехатарии давлатӣ
КГ — Кодекси граждани
к-з — колхоз
КИМ — Комитети Иҷроияи Марказӣ
кит.— китоб (дар библиография)
кишв.— кишвар
КМТ — Комиссияи машваратии тиббӣ
КМҶ — Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ
КНО — Кодекси никоҳ ва оила
комб.— комбинат
корр.— корреспондент
КПГ — Кодекси процессуалии граждани
КҚ — Кодекси қонунҳо
КҶ — Кодекси ҷиноятӣ
Л.— Ленинград (дар библиография)
лат.— латиш
лит.— литвонӣ
лот.— лотинӣ
М.— Москва (дар библиография)
м.— милод
мас.— масалан
маҷм.— маҷмӯа
млн — миллион
млрд — миллиард
мод.— модда
мол.— молекула
муг.— муғулӣ
МХАТ (Московский художественный академический театр СССР имени М. Горького) — Театри умумииттифоқии бадеии академии Москва ба номи М. Горький
н.— нашр (дар библиография)
наф.— нафар
нем.— немисӣ
ниг.— нигаред
нимҷаз.— нимҷазира
НКХХ—Намоиштгоҳи комьёбиҳои хоҷагии халқ
НКХҚ—Намоиштгоҳи комьёбиҳои хоҷагии қишлоқ
норв.— норвегӣ
нояб.— ноябрь
НЭП (Новая экономическая политика) — Сиёсати нави иқтисодӣ
окт.— октябрь
ох.— охири
ПВО (противовоздушная оборона) — мудофиа аз ҳуҷуми ҳавой
пол.— полякӣ
португ.— португалӣ
проф.— профессор
птш — посёлкаи типи шаҳрӣ
РАСС Абхоз.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Абхозистон
РАСС Бошқ.—Республикаи Автономии Советии Социалистии Бошқирдистон
РАСС Бурят.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Бурятистон
РАСС Доғ.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Доғистон
РАСС Ёкут.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Ёкутистон
РАСС Каб. Балқ.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Кабардаю Балқар
РАСС Карел.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Карелия
РАСС Нахҷ.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Нахҷувон
РАСС Осет. Шим.—Республикаи Автономии Советии Социалистии Осетияи Шимолӣ
РАСС Оҷор.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Оҷористон
РАСС Тот.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Тотористон
РАСС Удм.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Удмурдистон
РАСС Чеч.-Ингуш — Республикаи Автономии Советии Социалистии Чечену Ингуш
РАСС Чуваш — Республикаи Автономии Советии Социалистии Чувашистон
РАСС Қал.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Қалмоқистон
РАСС Қароқалп.— Республикаи Автономии Советии Социалистии Қароқалпоқистон
РДА — Республикаи Демократии Афғонистон
РДГ — Республикаи Демократии Германия
рев.— революцӣя
Рев. Каб. Соц. Октябрь — Революцияи Кабири Социалистии Октябрь
р-н — район
р. о.— роҳи оҳан
РОСТА (Российское телеграфное агентство) — Агентии телеграфии Россия
РСР — Республикаи Социалистии Румыния
РСС Арм.—Республикаи Советии Социалистии Арманистон
РСС Гурҷ.— Республикаи Советии Социалистии Гурҷистон
РСС Лат.—Республикаи Советии Социалистии Латвия
РСС Лит.—Республикаи Советии Социалистии Литва
РСС Молд.— Республикаи Советии Социалистии Молдавия
РСС Озарб.— Республикаи Советии Социалистии Озарбойҷон
РСС Тоҷ.—Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон
РСС Туркм.— Республикаи Советии Социалистии Туркманистон
РСС Эст.—Республикаи Советии Социалистии Эстония
РСС Қаз.—Республикаи Советии Социалистии Қазоқистон
РСС Қирг.— Республикаи Советии Социалистии Қирғизистон
РССБ — Республикаи Советии Социалистии Белоруссия
РССУ — Республикаи Советии Социалистии Украина
РСФСР — Республикаи Советии Федеративии Социалистии Россия
РСФЮ — Республикаи Социалистии Федеративии Югославия
РСЧС — Республикаи Социалистии Чехословакия
рум.— руминӣ
РФГ — Республикаи Федеративии Германия
РХБ — Республикаи Халқии Булгория
РХВ — Республикаи Халқии Венгрия
РХДК — Республикаи Халқии Демократии Корея
РХМ — Республикаи Халқии Муғулистон
РХП — Республикаи Халқии Польша
РХСА — Республикаи Халқии Социалистии Албания
РХХ — Республикаи Халқии Хитой
с.— сол
санскр.— санскритӣ
саҳ.— саҳифа
с. б.— сатҳи баҳр
с.-д.— социал-демократӣ
сент.— сентябрь
с-з — совхоз
сканд.— скандинавӣ
СКХ — Советӣ Комиссарони Халқӣ
С. п.— Советӣ посёлка
ст.— станция
С. к.— Советӣ қишлоқ
тав.— таваллуд
тарҷ.— тарҷума
ТАСС — Телеграфное агентство Советского Союза (Агентии телеграфии Иттифоқи Советӣ)
тахал.— тахаллус

такр.— тақрибан
ТДМ — Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида
терр.— территория
тоҷ.— тоҷикӣ
туркм.— туркманӣ
т. ш.— тӯли шарқӣ
т. ғ.— тӯли ғарбӣ
УДТ — Университети давлатии Тоҷикистон
укр.— украинӣ
ун-т — университет
уқ.— уқьёнус
фак-т — факултет
фам.— фамилия
февр.— февраль
ф-ка — фабрика
франс.— франсавӣ
хал.— халиҷ
х. қ.— хоҷагии қишлоқ
Ш.— шарқ
ш.— шаҳр
Шим.— Шимол
шим.— шимолӣ
шт.— штат
ЭВМ (Электронная вычислительная машина)—Ҳисобмошини электронӣ
ЭСТ — Энциклопедияи Советии Тоҷик
эст.— эстонӣ
юн.— юнонӣ
янв.— январь
Ғ.— Ғарб
қ.— қисм (дар библиография)
қ.— қулла
қаз.— қазоқӣ
қирг.— қирғизӣ
киш.— қишлоқ
қ-кӯҳ — қаторкӯҳ
қ-теппа — қатортеппа
ҚЭҲ — Қувваи электрҳаракатдиҳанда
ҚҲБ — Қуввaҳои ҳарбии баҳрӣ
ҚҲҲ—Қуввaҳои ҳарбии ҳавоӣ
ӯзб.— ӯзбекӣ
ҳаз.— ҳазор
ҳ. ш.— ҳиҷрии шамсӣ
ҳ. қ.— ҳиҷрии қамарӣ
Ҷ.— Ҷануб
ҷ.— ҷилд
ҷаз.— ҷазира
ҷан.— ҷанубӣ

ИХТИСОРАҲОИ СИСТЕМАҲОИ ЧЕНАКҲО

А — ампер
Å — ангстрем
А. с — ампер-соат
ат — атмосфера
В — вольт
В. А — вольт-ампер
в. а.— воҳиди астрономӣ
Вб — вебер
Вт — ватт
Вт. с — ватт-соат
Г — генри
г — грамм
га — гектар
гард/дақ — гардиш/дақиқа
Гб — гильберт
Гс — гаусс
Гц — герц
г-экв — грамм-эквивалент
дақ — дақиқа
дин — дина
дм — дециметр
К — кельвин
кар — карат
кВт — киловатт
кВт. с — киловатт-соат
кг — килограмм
кгқ — килограмм-қувва
кд — канделла
ккал — килокалория
Кл — кулон
км — километр
кмоль — киломоль
кэВ — килоэлектронвольт
л — литр
лк — люкс
лм — люмен
м — метр
МВт — мегаватт
мг — миллиграмм
МГц — мегагерц
мкм — микрометр
мксон — микросония
мл — миллилитр
мм — миллиметр
мм сут. сим.— миллиметри сутуни симобӣ
МОм — мегаом
МэВ — мегаэлектронвольт
Н — ньютон
нм — нанометр
нсон — наносония
П — пуаз
Па — паскаль
пк — парсек
пф — пикофарада
Р — рентген
рад — радиан
°С — дарачаи Цельсий
с — соат
сб — стильб
См — сименс
см — сантиметр
сон — сония
ср — стерадиан
Т — тесла
т — тонна
тқ — тонна-қувва
Ф — фарада
ц — центнер
ц/га — центнер бар гектар
Э — эрстед
эВ — электронвольт
қ. а.— қувваи асп
Ҷ — ҷоуль

ИХТИСОРАҲОИ ПРЕФИКСҲОИ ВОҲИДИ ЧЕНАКҲО

а — атто... (10^{-18})
Г — гига... (10^{9})
г — гекто... (10^{2})
д — деци... (10^{-1})
да — дека... (10)
к — кило... (10^{3})
М — мега... (10^{6})
м — милли... (10^{-3})
мк — микро... (10^{-6})
н — нано... (10^{-9})
п — пико... (10^{-12})
с — санти... (10^{-2})
Т — тера... (10^{12})
ф — фемто... (10^{-15})

РӮИХАТИ ТАСВИРҲОИ ЗАМИМАИ ЭСТ

Абулҳасани Мусаввир, 1 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 48—49
Авиация, 22 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ғайриранга) . . . 16—17
Австралия, 33 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 48—49
Автомобиль, 11 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ғайриранга ва ранга) . . . 32—33
Адрас, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Айвазовский И. К., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 80—81
Айнӣ С., 1 тасвир (чопи баланди ғайриранга) . . . 80—81
Аломатҳои роҳ, 129 тасвир дар 4 саҳ. (чопи офсетии ранга) . . . 128—129
Алоча, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Алюминий, 2 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 112—113
Анатомия, 9 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ранга) . . . 64—65
Ангур, 8 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ранга) . . . 160—161
Анор, 5 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 176—177
Атлас, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Атмосфера, 1 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 176—177
Афросиёб, 3 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 112—113
Байраҳи давлатӣ, 171 тасвир дар 6 саҳ. (чопи офсетии ранга) . . . 224—225
Бактерияҳо, 9 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 368—369
Балет, 11 тасвир (чопи офсетии ғайриранга) . . . 368—369
Барг, 19 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 384—385
Барокко, 9 тасвир (чопи баланди ғайриранга) . . . 432—433
Баротбеков Ю., 1 тасвир (чопи офсетии ғайриранга) . . . 384—385
Беруни, 1 тасвир (чопи баландии ранга) . . . 432—433
Беҳасаб, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Бехзод 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 496—497
Бихӣ, 5 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 384—385
Брюллов К. П., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 496—497
Васнецов В. М., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 512—513
Вахш, 2 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 512—513
Верещагин В. В., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 608—609
Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ, 8 тасвир дар 2 саҳ. (чопи баланди ранга) . . . 624—625
Врубель М. А., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 608—609
РСС Арманистон, 14 тасвир дар 2 саҳ. (чопи баланди ғайриранга) . . . 128—129
РСС Белоруссия, 14 тасвир дар 2 саҳ. (чопи баланди ғайриранга) . . . 448—449

РӮИХАТИ ХАРИТАҲО

Австралия . . . 32
Австралия, харитаи геологӣ . . . 32
Австрия . . . 47
Албания . . . 96
Албания, харитаи иқтисодӣ . . . 96
Алҷазоир . . . 146
Америкаи Шимолӣ, харитаи геологӣ . . . 144
Америкаи Шимолӣ, харитаи сиёсӣ . . . 144
Америкаи Шимолӣ, харитаи табиӣ . . . 144
Америкаи Шимолӣ, харитаи этнографӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи геологӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи сиёсӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи табиӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи этнографӣ . . . 144
Аморати Бухоро . . . 65
Аморатҳои Муттаҳидаи Араб . . . 163
Ангола . . . 181
Андорра . . . 187
Антарктида . . . 96
Арабистони Саудӣ . . . 216
Аргентина . . . 223
Арктика . . . 240
Африка, харитаи геологӣ . . . 400
Африка, харитаи сиёсӣ . . . 400
Африка, харитаи табиӣ . . . 400
Африка, харитаи этнографӣ . . . 400
Афғонистон . . . 320
Афғонистон, харитаи иқтисодӣ . . . 320
Бангладеш . . . 367
Барбадос . . . 374
Баҳрайн . . . 396
Белиз . . . 411
Бельгия . . . 419
Бенин . . . 427
Бирма . . . 452
Боливия . . . 492
Ботсвана . . . 495
Бразилия . . . 510
Британияи Кабир . . . 528
Британияи Кабир, харитаи иқтисодӣ . . . 528
Бруней . . . 527
Булғория . . . 576
Булғория, харитаи иқтисодӣ . . . 576
Бурунди . . . 548
Ватикан . . . 591
Венгрия . . . 592
Венгрия, харитаи иқтисодӣ . . . 592
Венесуэла . . . 609
Византия . . . 619
Вилояти Автономии Адиге . . . 75
Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ . . . 321
Вилояти Автономии Яҳудиён . . . 624
Вилояти Амур . . . 171
Вилояти Андиҷон . . . 185
Вилояти Архангельск . . . 248
Вилояти Астрахань . . . 278
Вилояти Ашқобод . . . 325
Вилояти Белгород . . . 409
Вилояти Брест . . . 517
Вилояти Брянск . . . 529
Вилояти Бухоро . . . 557
Вилояти Винница . . . 626
Вилояти Витебск . . . 631
Вилояти Волгоград . . . 638
Вилояти Вологда . . . 640
Вилояти Волынь . . . 642
Вилояти Воронеж . . . 645
Вилояти Ворошиловград . . . 647
Вольтаи Боло . . . 643
Вьетнам . . . 529
Вьетнам, харитаи давлатҳои қадими вьетҳо (асрҳои 3—2 то милод) . . . 529
Кӯҳҳои Альп . . . 138
Кӯҳҳои Анд . . . 183
Райони Айнӣ . . . 91
Райони Ашт . . . 322
Райони Ванҷ . . . 582
Райони Вахш . . . 594
Райони Восеъ . . . 648
РАСС Абхозистон . . . 30
РАСС Бошкирдистон . . . 501
РАСС Бурятистон . . . 549
РСС Арманистон . . . 241
РСС Арманистон, харитаи иқтисодӣ . . . 241
РСС Белоруссия . . . 416
РСС Белоруссия, харитаи иқтисодӣ . . . 416
Ҷазираҳои Багам . . . 345

САРРЕДАКЦИЯИ ИЛМИИ ЭНЦИКЛОПЕДИЯИ СОВЕТИИ ТОҶИК

РЕДАКЦИЯҲОИ ИЛМИИ СОҲАВӢ

Адабиёт ва забон: АЗИЗҚУЛОВ Ҷ. (мудири редакция), ҶУМЪАЕВ Ш. (муҳаррири илмӣ), ИСЛОМОВА М., САЪДИЕВ С., ТУРСУНЗОДА И. (муҳаррирон).

Биология, химия ва тиб: САМИЕВ М. (мудири редакция), БОБОХУҶАЕВ Р. (муҳаррири калони илмӣ), ИБРОҲИМОВ Қ., ВАЛИЕВ Ю. (муҳаррирон).

География ва геология: ОЛИМОВ Ӯ. (мудири редакция), АҲМАДОВ Т., БАТУРОВА Л. М., ҒУЛОМОВ Ф. (муҳаррирони калони илмӣ), ЮСУФОВ А. (муҳаррири илмӣ), БОЗОРОВА М., ШОКИРОВ Т. (муҳаррирон), ТОШЕВ А., ҲОМИДҶОНОВА М. (муҳаррирони хурд).

Луғатнома, фонди илмӣ ва истилоҳот: ТОИРОВ У. (мудири редакция), НУРОВ А., ҲАСАНОВ М. (муҳаррирони калони илмӣ), РАҶАБОВ Р. (муҳаррири илмӣ), РАҲМАТОВ Б. (муҳаррири калон), МУХТОРОВА М., ОЛИМОВА Ш., ҲУСЕЙНЗОДА С. (муҳаррирон), БОЕВ И., ЯҲЬЕЕВ У., ҒУЛОМОВ С. (муҳаррирони хурд).

Маданият ва санъат: БЕҲБУДӢ М. (мудири редакция), АБДУРАҲМОНОВ Б. (муҳаррири калони илмӣ), ШАРИФОВА М. (муҳаррири калон), НИЕЗОВА И. (муҳаррири хурд).

Матбуот, маорифи халқ ва педагогика: РАҲИМОВ Х. (мудири редакция), АБДУЛЛОЕВ С. (муҳаррири калон).

Мақолаҳои комплексӣ: ЮСУФОВ Б. (мудири редакция), ҲАСАНОВ Э. (муҳаррири калони илмӣ), СОБОЛЕВА Л. (муҳаррир).

Назорати илмӣ ва адабӣ: ХОЛМУҲАММАДОВ Н. (мудири редакция), АСРОРОВ А., ИДРИСОВ Т., ИКРОМӢ Д., СОБИРОВ Ш., ТОҶИЕВ М., ШАНБЕЗОДА Н., ҲАМРОЕВ Х. (муҳаррирони калони илмӣ), УМАРОВ М. (муҳаррири калон), МУЗАФФАРОВА М., РАҲИМОВ А. (муҳаррирон), САТТОРОВА Г. (муҳаррир-библиограф).

Тасвирот ва харита: САЙФИДДИНОВ И. А. (мудири редакция), БАРЧ Р. Ф. (муҳаррир-картограф).

Таърихи Тоҷикистон, СССР ва КПСС: АБДУМАННОНОВ А. (мудири редакция), ШАРИФОВ Р. (муҳаррири калони илмӣ), ВАЛИЕВ А., САЛИМОВ Ҳ. (муҳаррирони калон), ТОҶОВ Н. (муҳаррир).

Таърихи умумӣ, археология ва этнография: САМАДОВ А. (муҳаррири калони илмӣ), АБДУЛЛОЕВ Ф. (муҳаррир), РАҲМАТУЛЛОЕВ С. (муҳаррири хурд).

Фалсафа ва ҳуқуқ: СУЛТОНОВ М. (мудири редакция), НАЗИРОВ У., ШАРИФОВ А., (муҳаррирони калони илмӣ), ҶОНОНОВ С. (муҳаррири илмӣ), ШЕРОВ А. (муҳаррир).

Физика, математика ва техника: РАҲМАТОВ Ҳ. (мудири редакция), САМАДОВ Қ., ҚУРБОНОВ А. (муҳаррирони калони илмӣ), СОДИҚОВА С. (муҳаррир).

Хоҷагии халқ ва иқтисоди сиёсӣ: ҲОҶИМАТОВ М. (мудири редакция), АКРАМОВ С., ГОЛЬЦ Т. М., ЕҚУБОВ М. (муҳаррирони калони илмӣ), ҚУРБОНОВ Ф. (муҳаррири илмӣ).

Шӯъбаи истеҳсолот: МИРОНОВ Н. П. (ҷонишини котиби масъул), СТАСЮК Н. С. (мудири шӯъба), ЖИГАЛОВА Н. И. (муҳаррири калони техники).

Шӯъбаи комплект: САИДОВА М. (мудири шӯъба), РУСТАМОВА М. (муҳаррири калон), ЛАТИФОВА Р., ТИЛАВОВА М., ҒУЛОМОВА С. (муҳаррирон).

Шӯъбаи тасҳеҳот: АКРАМОВ М. (мудири шӯъба), МАҲМАДАЛИЕВ А., РӮЗИЕВ Д., ҶАЛОЛОВ А. (мусаҳҳеҳон).

Шӯъбаҳои функционӣ: ЗАГОРОДНЮК Ю. И. (сармуҳосиб), КАЛОНТАРОВА М. М. (иқтисодчии калон), КАРИМОВ А. (мудири лабораторияи суратгирӣ), ОЛЕНСКИЙ И. Л. (мудири шӯъбаи кадрҳо), ШОГАДОЕВА Р. М. (мудири китобхонаи илмӣ), ҚИШҚОРОВА Ҷ. (китобдор), ҲАКИМОВ Ҳ. (суратгир).

Бюрои мошинканависӣ: ОЛИМОВА О. (мудир), АКБАРОВА Ф., ТАБАРОВА Н., ДОРОФЕЕВА А. Ф., САИДМУРОДОВА М., ХОЛНАЗАРОВА С. (мошинисткаҳо).

МУАССИСАҲОЕ, КИ ДАР НАШРИ ҶИЛДИ ЯКУМ ИШТИРОК НАМУДАНД:

1. Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб (директораш ҲАЙДАРОВ Д.).

2. Матбааи № 2 «Союзполиграфпром» дар назди Комитети давлатии Совети Вазирони СССР оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб (Директораш КУЛЕШОВ Ю. А.).

3. Фабрикаи картографии № 4 ГУГК дар назди Совети Вазирони СССР (Директораш ЗОЛОТУХИН В. П.).

РӮИХАТИ ТАСВИРҲОИ ЗАМИМАИ ЭСТ

Абулҳасани Мусаввир, 1 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 48—49
Авиация, 22 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ғайриранга) . . . 16—17
Австралия, 33 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 48—49
Автомобиль, 11 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ғайриранга ва ранга) . . . 32—33
Адрас, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Айвазовский И. К., 1 тасвир (чопи баланди ранга) 80—81
Айни С., 1 тасвир (чопи баланди ғайриранга) . . 80—81
Аломатҳои роҳ, 129 тасвир дар 4 саҳ. (чопи офсетии ранга) . . . 128—129
Алоча, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Алюминий, 2 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 112—113
Анатомия, 9 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ранга) . . . 64—65
Ангур, 8 тасвир дар 2 саҳ. (чопи офсетии ранга) . 160—161
Анор, 5 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 176—177
Атлас, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Атмосфера, 1 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 176—177
Афросиёб, 3 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 112—113
Байраки давлатӣ, 171 тасвир дар 6 саҳ. (чопи офсетии ранга) . . . 224—225
Бактерияҳо, 9 тасвир (чопи офсетии ранга) . . 368—369
Балет, 11 тасвир (чопи офсетии ғайриранга) . . 368—369
Барг, 19 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 384—385
Барокко, 9 тасвир (чопи баланди ғайриранга) . . 432—433
Баротбеков Ю., 1 тасвир (чопи офсетии ғайриранга) 384—385
Беруни, 1 тасвир (чопи баландии ранга) . . . 432—433
Беқасаб, 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 96—97
Беҳзод 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 496—497
Бихӣ, 5 тасвир (чопи офсетии ранга) . . . 384—385
Брюллов К. П., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . 496—497
Васнецов В. М., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . 512—513
Вахш, 2 тасвир (чопи баланди ранга) . . . 512—513
Верещагин В. В., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . 608—609
Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ, 8 тасвир дар 2 саҳ. (чопи баланди ранга) . . . 624—625
Врубель М. А., 1 тасвир (чопи баланди ранга) . . 608—609
РСС Арманистон, 14 тасвир дар 2 саҳ. (чопи баланди ғайриранга) . . . 128—129
РСС Белоруссия, 14 тасвир дар 2 саҳ. (чопи баланди ғайриранга) . . . 448—449

РӮИХАТИ ХАРИТАҲО

Австралия . . . 32
Австралия, харитаи геологӣ . . . 32
Австрия . . . 47
Албания . . . 96
Албания, харитаи иқтисодӣ . . . 96
Алҷазоир . . . 146
Америкаи Шимолӣ, харитаи геологӣ . . . 144
Америкаи Шимолӣ, харитаи сиёсӣ . . . 144
Америкаи Шимолӣ, харитаи табиӣ . . . 144
Америкаи Шимолӣ, харитаи этнографӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи геологӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи сиёсӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи табиӣ . . . 144
Америкаи Ҷанубӣ, харитаи этнографӣ . . . 144
Аморати Бухоро . . . 65
Аморатҳои Муттаҳидаи Араб . . . 165
Ангола . . . 181
Андорра . . . 187
Антарктида . . . 96
Арабистони Саудӣ . . . 216
Аргентина . . . 223
Арктика . . . 240
Африка, харитаи геологӣ . . . 400
Африка, харитаи сиёсӣ . . . 400
Африка, харитаи табиӣ . . . 400
Африка, харитаи этнографӣ . . . 400
Афғонистон . . . 320
Афғонистон, харитаи иқтисодӣ . . . 320
Бангладеш . . . 367
Барбадос . . . 374
Баҳрайн . . . 396
Белиз . . . 411
Бельгия . . . 419
Бенин . . . 427
Бирма . . . 452
Боливия . . . 492
Ботсвана . . . 495
Бразилия . . . 510
Британияи Кабир . . . 528
Британияи Кабир, харитаи иқтисодӣ . . . 528
Бруней . . . 527
Булғория . . . 576
Булғория, харитаи иқтисодӣ . . . 576
Бурунди . . . 548
Ватикан . . . 591
Венгрия . . . 592
Венгрия, харитаи иқтисодӣ . . . 592
Венесуэла . . . 609
Византия . . . 619
Вилояти Автономии Адиге . . . 75
Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ . . . 321
Вилояти Автономии Яҳудиён . . . 624
Вилояти Амур . . . 171
Вилояти Андиҷон . . . 185
Вилояти Архангельск . . . 248
Вилояти Астрахань . . . 278
Вилояти Ашқобод . . . 325
Вилояти Белгород . . . 409
Вилояти Брест . . . 517
Вилояти Брянск . . . 529
Вилояти Бухоро . . . 557
Вилояти Винница . . . 626
Вилояти Витебск . . . 631
Вилояти Волгоград . . . 638
Вилояти Вологда . . . 640
Вилояти Волынь . . . 642
Вилояти Воронеж . . . 645
Вилояти Ворошиловград . . . 647
Вольтаи Боло . . . 643
Вьетнам . . . 529
Вьетнам, харитаи давлатҳои қадими вьетҳо (асрҳои 3—2 то милод) . . . 529
Кӯҳҳои Альп . . . 138
Кӯҳҳои Анд . . . 183
Райони Айнӣ . . . 91
Райони Ашт . . . 322
Райони Ванч . . . 582
Райони Вахш . . . 594
Райони Восеъ . . . 648
РАСС Абхозистон . . . 30
РАСС Бошқирдистон . . . 501
РАСС Бурятистон . . . 549
РСС Арманистон . . . 241
РСС Арманистон, харитаи иқтисодӣ . . . 241
РСС Белоруссия . . . 416
РСС Белоруссия, харитаи иқтисодӣ . . . 416
Ҷазираҳои Багам . . . 345

САРРЕДАКЦИЯИ ИЛМИИ ЭНЦИКЛОПЕДИЯИ СОВЕТИИ ТОҶИК

РЕДАКЦИЯҲОИ ИЛМИИ СОҲАВӢ

Адабиёт ва забон: АЗИЗҚУЛОВ Ҷ. (мудири редакция), ҶУМЪАЕВ Ш. (муҳаррири илмӣ), ИСЛОМОВА М., САЪДИЕВ С., ТУРСУНЗОДА П. (муҳаррирон).

Биология, химия ва тиб: САМИЕВ М. (мудири редакция), БОБОХУҶАЕВ Р. (муҳаррири калони илмӣ), ИБРОҲИМОВ Қ., ВАЛИЕВ Ю. (муҳаррирон).

География ва геология: ОЛИМОВ Ӯ. (мудири редакция), АҲМАДОВ Т., БАТУРОВА Л. М., ҒУЛОМОВ Ф. (муҳаррирони калони илмӣ), ЮСУФОВ А. (муҳаррири илмӣ), БОЗОРОВА М., ШОКИРОВ Т. (муҳаррирон), ТОШЕВ А., ҲОМИДҶОНОВА М. (муҳаррирони хурд).

Лугатнома, фонди илмӣ ва истилоҳот: ТОИРОВ У. (мудири редакция), НУРОВ А., ҲАСАНОВ М. (муҳаррирони калони илмӣ), РАҶАБОВ Р. (муҳаррири илмӣ), РАҲМАТОВ Б. (муҳаррири калон), МУХТОРОВА М., ОЛИМОВА Ш., ҲУСЕЙНЗОДА С. (муҳаррирон), БОЕВ И., ЯҲЬЕЕВ У., ҒУЛОМОВ С. (муҳаррирони хурд).

Маданият ва санъат: БЕҲБУДӢ М. (мудири редакция), АБДУРАҲМОНОВ Б. (муҳаррири калони илмӣ), ШАРИФОВА М. (муҳаррири калон), ШИЕЗОВА И. (муҳаррири хурд).

Матбуот, маорифи халқ ва педагогика: РАҲИМОВ Х. (мудири редакция), АБДУЛЛОЕВ С. (муҳаррири калон).

Мақолаҳои комплексӣ: ЮСУФОВ Б. (мудири редакция), ҲАСАНОВ Э. (муҳаррири калони илмӣ), СОБОЛЕВА Л. (муҳаррир).

Назорати илмӣ ва адабӣ: ХОЛМУҲАММАДОВ Н. (мудири редакция), АСРОРОВ А., ИДРИСОВ Т., ИКРОМӢ Д., СОБИРОВ Ш., ТОҶИЕВ М., ШАНБЕЗОДА Н., ҲАМРОЕВ Ҳ. (муҳаррирони калони илмӣ), УМАРОВ М. (муҳаррири калон), МУЗАФФАРОВА М., РАҲИМОВ А. (муҳаррирон), САТТОРОВА Г. (муҳаррир-библиограф).

Тасвирот ва харита: САЙФИДДИНОВ И. А. (мудири редакция), БАРЧ Р. Ф. (муҳаррир-картограф).

Таърихи Тоҷикистон, СССР ва КПСС: АБДУМАННОНОВ А. (мудири редакция), ШАРИФОВ Р. (муҳаррири калони илмӣ), ВАЛИЕВ А., САЛИМОВ Ҳ. (муҳаррирони калон), ТОҶОВ Н. (муҳаррир).

Таърихи умумӣ, археология ва этнография: САМАДОВ А. (муҳаррири калони илмӣ), АБДУЛЛОЕВ Ф. (муҳаррир), РАҲМАТУЛЛОЕВ С. (муҳаррири хурд).

Фалсафа ва ҳуқуқ: СУЛТОНОВ М. (мудири редакция), НАЗИРОВ У., ШАРИФОВ А., (муҳаррирони калони илмӣ), ҶОНОНОВ С. (муҳаррири илмӣ), ШЕРОВ А. (муҳаррир).

Физика, математика ва техника: РАҲМАТОВ Ҳ. (мудири редакция), САМАДОВ Қ., ҚУРБОНОВ А. (муҳаррирони калони илмӣ), СОДИҚОВА С. (муҳаррир).

Хоҷагии халқ ва иқтисоди сиёсӣ: ҲОҶИҒМАТОВ М. (мудири редакция), АКРАМОВ С., ГОЛЬЦ Т. М., ЕҚУБОВ М. (муҳаррирони калони илмӣ), ҚУРБОНОВ Ф. (муҳаррири илмӣ).

Шӯъбаи истеҳсолот: МИРОНОВ Н. П. (ҷонишини котиби масъул), СТАСЮК Н. С. (мудири шӯъба), ЖИГАЛОВА Н. И. (муҳаррири калони техники).

Шӯъбаи комплект: САИДОВА М. (мудири шӯъба), РУСТАМОВА М. (муҳаррири калон), ЛАТИФОВА Р., ТИЛАВОВА М., ҒУЛОМОВА С. (муҳаррирон).

Шӯъбаи тасҳеҳот: АКРАМОВ М. (мудири шӯъба), МАҲМАДАЛИЕВ А., РӮЗИЕВ Д., ҶАЛОЛОВ А. (мусаҳҳеҳон).

Шӯъбаҳои функционӣ: ЗАГОРОДНЮК Ю. И. (сармуҳосиб), КАЛОНТАРОВА М. М. (иқтисодчии калон), КАРИМОВ А. (мудири лабораторияи суратгирӣ), ОЛЕНСКИЙ И. Л. (мудири шӯъбаи кадрҳо), ШОГАДОЕВА Р. М. (мудири китобхонаи илмӣ), ҚИШҚОРОВА Ҷ. (китобдор), ҲАКИМОВ Ҳ. (суратгир).

Бюрои мошинканависӣ: ОЛИМОВА О. (мудир), АКБАРОВА Ф., ТАБАРОВА Н., ДОРОФЕЕВА А. Ф., САИДМУРОДОВА М., ХОЛНАЗАРОВА С. (мошинистҳо).

МУАССИСАҲОЕ, КИ ДАР НАШРИ ҶИЛДИ ЯКУМ ИШТИРОК НАМУДАНД:

1. Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб (директораш ҲАЙДАРОВ Д.).

2 Матбааи № 2 «Союзполиграфпром» дар назди Комитети давлатии Совети Вазирони СССР оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб (Директораш КУЛЕШОВ Ю. А.).

3. Фабрикаи картографии № 4 ГУГК дар назди Совети Вазирони СССР (Директораш ЗОЛОТУХИН В. П.).

Энциклопедияи советии тоҷик

(иборат аз 6 ҷилд)

Сармуҳаррири илмӣ М. С. Осимӣ
Сармуҳаррир А. С. Сайфуллоев

Душанбе, 1978, ҷилди I. А—Гавҳар. 672 саҳ. бо тасвирот, 47 варақ тасвирот; 30 варақ харита.

Э $\frac{00101 - 001}{М\ 505\ (13) - 78}$ ИБ № 1

Дар ҷилд 20 замима (дар 64 мавзӯъ) бо тасвироти ранга ва ғайрирангаи чопи баланд (дар Матбааи № 2 шаҳри Москваи «Союзполиграфпром»-и назди Комитети давлатии нашриёти СССР ба табъ расид), 27 замима (дар 434 мавзӯъ) бо тасвироти ранга ва ғайрирангаи чопи офсет (дар Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷ. оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб ба табъ расид), 30 замима бо харитаҳои ранга (дар фабрикаи № 4 СУГК ба табъ расид) ҷой дода шудааст. Дар матн 54 харита, 678 тасвир ва нақша ҳаст. Коғази № 1 матбаавии фабрикаи ба номи Ю. Янонис истифода гардид.

Ба матбаа 15 апрели соли 1976 супурда шуд. Ба чоп 12 июни соли 1978 имзо шуд.

Сарредакцияи илмии Энциклопедияи Советии Тоҷик. 734030. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

КЛ 02413. Адади нашр 22950. Супориши № 157. Андозаи коғаз 84 × 108 1/16. Ҳаҷм 42,0 ҷузъи чопии аслӣ ё 70,56 ҷузъи чопии шартӣ матн + 17,04 ҷузъи чопии шартӣ тасвирот. Ҷамъ 87,6 ҷузъи чопии шартӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 115,84. Нархи як китоб 8 сӯму 50 тин.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷ. оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734025, Душанбе, хиёбони Ленин, 37.